Б. Ғ. ҒАФУРОВ

# ТОҶИКОН

## ТАЪРИХИ ҚАДИМТАРИН, ҚАДИМ, АСРҲОИ МИЁНА ВА ДАВРАИ НАВ

ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2020

ББК 63.3 (2тоҷик)
Ғ – 45

Муҳаррири масъул академик
*Аҳрор Мухторов*

Муҳаррир *Маҳмадназар Алиев*

Аз забони русӣ тарҷумаи *А.Маниёзов, Н.Холмуҳаммадов*

**Ғафуров Б. Ғ.**
Ғ – 45 Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Ирфон, 2020, – 958 саҳ.

4700000000 – 208
Ғ ------------------------ – 2020 ББК 63.3 (2тоҷик)
М 501 (12) – 2020

ISBN 978-99975-0-565-1

© Тарҷума аз забони русӣ, нашри пурра ва саҳеҳшудаи тоҷикӣ:
«Ирфон» – 1983
© «Ирфон» – 1998
© «Ирфон» – 2010
© «Ирфон» – 2016
© «Ирфон» – 2020

# САРЧАШМАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

*Агар кас гузаштаи аҷдоди худро надонад, инсони комил нест!*

*Ин хитобаи сода, вале дар айни замон ҷиддии бузургони илму адаби мо аз қаъри асрҳо ба гӯш мерасад ва ҳушдор медиҳад, ки аз таърихи миллату сарзамин, расму русум ва дину оини худ мудом воқиф бошем. Воқеан, таърихро хотираи инсоният меноманд. Пас ҳар фард бе омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати бумиву зотиашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад, аз решаи хеш дур ё канда шуда, ба вартаи гумномӣ ё фано қадам мениҳад ва, ба таъбири имрӯзиён, «манқурт» мешавад. Яъне инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумаш ноогоҳ монда, чун махлуқе одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад. Ин бадбахтии бузург аст. Охир, орӣ аз хотираи гузашта, фориғ аз ғами фардо чӣ хел худро инсон мешуморӣ?*

*Агар ин фоҷиа давлат, миллат ва қавмеро фаро гирад, чӣ мешавад?*

*Таърих гувоҳ аст, ки аз рӯйи чунин беэҳтиётӣ ва воқиф набудан аз гузаштаи хеш қисме аз давлату миллатҳои абарқудрат пора-пора шуда, аз забон ва расму оини хеш маҳрум гардидаанд. Дар аҳди бостон чунин мисолҳо фаровонанд.*

*Сарнавишти миллати тоҷик дар тӯли асрҳо баробари дигар мардуми эронинажод басо печида ва пуршебу фароз аст. Тоҷик бо кору пайкор барои ноил шудан ба озодӣ, бо созандагӣ ва бунёдкорӣ, бо ақлу заковати фарзандони нобиғааш дар арсаи илму адабу сиёсат, бо расидан ба даврони эҳёи давлатдорӣ ва чашидани заҳри шикаст, бо талошҳо баҳри худшиносӣ ва огоҳии миллат таърихи худро ғаниву рангин сохтааст.*

*Таърихи саршор аз лаҳзаҳои пирӯзӣ, часпу талош барои ташаккули тафаккури милливуривоҷу равнақи давлатдорӣ, илму фарҳанг ва ... гулгун аз хуни мардони мубориზу фидокор ... Аммо пӯшида нест, ки солҳои тӯлонӣ мо аз омӯзиши мероси таърихии халқи худ як андоза дур мондем. Дар мактабу донишгоҳҳо ба фарзандони мо ба ҷойи таърихи халқи тоҷик бештар таърихи халқҳои дигарро меомӯзонданд. Ва ин муносибати носолим рахнае гузошт дар таърихомӯзӣ ва таърихдонии мардуми мо. Шояд як сабаби аз асли хеш каме дур мондан ва паст рафтани маънавият, коҳидани ахлоқи ҷомеаи мо аз ҳамин иборат буд.*

*Ва, хушбахтона, ду фарзанди нобиғаи миллати тоҷик – устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров ҳамин норасоиро эҳсос карданд ва ҷиддан аз пайиислоҳи он шуданд. Аллома Айнӣ бо рисола ва мақолоти зиёдаш дар хусуси зиндагӣ ва эҷодиёти шахсиятҳои илму фарҳанг ва сиёсату давлатдорӣ мардумро бо гузаштаи пурифтихор ва фарзандони некноми миллат ошно сохт, онҳоро бо таърихи ибратомӯзу пурифтихори худ пайваст. Мардум бо нигоҳи*

*зиракона ва хирадмандонаи Айнӣ аз барору нокомиҳои ниёгон дар набарди зиндагӣ огоҳ шуданд.*

*Ҳамчунин Бобоҷон Ғафуров бо ҳидояти ин пири хирад ба кори пуршарафе камар баст. Вай дар солҳои басо мушкил ба тадқиқ ва таълифи китобе аз таърихи халқи тоҷик шурӯъ намуд. Ковишу ҷустуҷӯйҳои пайвастаи ӯ дар ин роҳ самараи дилхоҳ доданд. Ва нахустин асари илмии Бобоҷон Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» панҷоҳ сол муқаддам – соли 1947 аз чоп баромад. Вай чун фарзанди дилсӯзи миллат баробари фаъолияти давлатдориву сиёсӣ ин корро ба анҷом расонд ва барои ҳамзабонону ҳаммиллатонаш равзане кушод аз олами таърих. Ин таҷрибаи аввалини таърихнависии тоҷик дар замони шӯравӣ буд ва онро муҳаққиқони намоён, шарқшиносони машҳури дунё хуш пазируфтанд.*

*Хонандаи тоҷик тавассути ин асар аз мақоми худшиносӣ ба омӯхтани таърихи гузаштаи худ рӯ овард. Ва ба саволҳои зиёди «Аҷдоди мо киҳо буданд? Аз куҷо ба зиндагӣ шурӯъ карданд? Чӣ тавр давлат сохтанду давлатдорӣ карданд? Бо чӣ роҳу дастуре ба илму адабиёти оламшумул пой гузоштанд? Дар таърихи башарият чӣ мақому поя доранд?» – посухи дақиқ ва муфассал ёфтанд.*

*Ман ин асари аҷоиб ва пурмуҳтаворо ҳанӯз солҳои донишҷӯӣ мутолиа карда, гоҳе аз ҳунари волои давлатдории гузаштагонамон меболидам, баъзан аз шикасти ҳукумат, ҷоҳталабӣ, ҷангу ҷидол ва ҷаҳолату хунрезии бародарон ба хотири тахту тоҷ ва шуҳрату нафс, ки теша ба решаи давлат задааст, тохтутози ваҳшиёнаи аҷнабиён, саросар нобуд шудани мардумони бегуноҳ ва харобу валангор гаштани марказҳои фарҳангӣ дилам реш мегашту ба андеша меафтодам. Пайваста фикр мекардам, миллате, ки як замон соҳиби тамаддуни олӣ буд, имрӯз аз коҳидани маънавияти ҷомеа меноладу азоб мекашад?!*

*Пӯшида нест, ки баъди инқилоб мардуми мо ба таври сунъӣ аз омӯхтани таърихи чандинҳазорсолаи худ бенасиб гашт ва маънавияту ахлоқаш аз нарасидани ин ғизо коҳид. Асари Бобоҷон Ғафуров, ки чун обу ҳаво барои худогоҳӣ ва рушди тафаккури таърихии мардум зарур буд, дар тӯли панҷоҳ сол танҳо як маротиба нашр шуд. Албатта, ин боиси таассуф аст. Аз рӯйи инсоф мебоист ин асар борҳо аз чоп мебаромад ва дастраси ҳар як фарди тоҷик мегардид.*

*Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу фарози миллати худ огоҳии нисбатан пурра медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мегирифтем, шояд тӯфони офатбори ҷанги гражданӣ, ки мо ба он дучор омадем, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт. Охир як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихӣ аст. То хотираи қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, ҷомеа аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад.*

*Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне миллат бояд аз гузаштаи худ хоҳ дурахшон бошад, хоҳ тира, сабақ бигирад ва дурнамоиояндаашро муайян бисозад.*

*Академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳамин хотир умри худро ба таҳқиқ ва эҷоди таърихи миллаташ бахшид ва, хушбахтона, ба мурод расид. Вай бо чопи*

*шоҳасари бузурги худ – «Тоҷикон» на танҳо миллати тоҷик, балки тамоми форсизабонони олам, мухлисону ҳаводорони тамаддуни Шарқ ва сокинони Осиёи Марказиро бо як сарчашмаи нерубахшу пурбаҳо шодком сохт. Бояд таъкид бикунам, ки аллома Бобоҷон Ғафуров дар эҷоди ин асар, ба таъбири устод Айнӣ, яке аз «...шартҳои муҳимми таърихнависӣ – муҳокимаронии бетарафона»-ро риоя кардааст.*

*Ин асар аввал ба забони русӣ дар Москва чоп шуд ва ҳамчунин аз ҷониби олимони машҳури собиқ шӯравӣ ва хориҷӣ баҳои арзанда гирифт. Асар танҳо ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми беназири онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ маҳдуд намешавад. Инчунин, дар он таърихи мардуми ҳамзабонамон ва халқҳои дигари Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аз ин хотир, баъди он ки «Тоҷикон» ба хатти русиасоси тоҷикӣ дар Душанбе ба табъ расид, дарҳол диққати муаррихони Афғонистонро ҷалб намуд. Ва дар ин кишвари дӯсту бародар асари мазкур бо ҳуруфи форсӣ аз чоп баромад, сипас дар мамолики дигар низ пай дар пай чопи он сурат гирифт.*

*Қимати илмии «Тоҷикон», алҳақ, бениҳоят бузург аст. Бобоҷон Ғафуров бо ин иқдоми нек ва заҳмати пурбаҳояш на танҳо саҳифаҳои таърихи рангини миллати тоҷик ва мардуми ҳамзабони мо, балки таърих ва роҳи тайкардаи халқҳои ӯзбеку қирғиз ва қазоқу туркманро то андозае ба хонанда ошно сохт. Ин хидмати рустамонаи Бобоҷон Ғафуров шоистаи таҳсин ва офарин аст, зеро осори пурқимати илмиаш чун беҳтарин омӯзгор ба мо ва насли оянда сабақ меомӯзад.*

*Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз дорад. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем. Дар ин роҳи пуршараф чопи осори гаронбаҳои академик Бобоҷон Ғафуров барои барафрӯхтани эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мадад хоҳад расонд.*

***Эмомалӣ Раҳмон***
***соли 1998***

# МУҚАДДИМА

Халқи тоҷик ба иттиҳоди бузурги миллатҳои сотсиалистӣ, ки Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистиро ташкил додаанд, дохил мешавад. Вай ҳамроҳи бародари калони худ – халқи кабири рус ва дигар халқҳои бародари мамлакатамон таҳти роҳбарии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ бо қадамҳои устувор ба сӯйи коммунизм пеш меравад.

Аз қадимулайём риштаҳои гусехтанашавандаи дӯстию ҳамкорӣ халқҳои Иттифоқи Советиро ба ҳам пайваста, муборизаи якҷояи зидди золимон ва истилогарон онҳоро муттаҳид сохтааст. Инро дар тимсоли робитаҳои таърихии ӯзбекҳо, тоҷикҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, қарақалпоқҳо ва дигар халқҳои республикаҳои Осиёи Миёна метавон возеҳу равшан мушоҳида намуд.

Тадқиқи таърихи халқи тоҷик барои донистани манбаъҳои равобити анъанавии халқҳои Осиёи Миёна кумак хоҳад расонд. Хусусан тоҷикон ва ӯзбекон, ки ташаккули халқияти онҳо дар асоси умумии нажодӣ қарор гирифтааст, бо ҳамдигар алоқаи хеле наздик доранд. Чунонки ӯзбекон аз сарвати мадании халқи тоҷик баҳраманд мегардиданд, ҳамин тариқа, тоҷикон низ аз комёбиҳои маданияти халқи ӯзбек файзёб буданд; хусусияти маданияти моддӣ, урфу одат, санъат ва ҳунарҳои халқии тоҷикон ва ӯзбекон чунон наздиканд, ки гоҳо дар байни онҳо фарқ гузоштан мумкин намешавад. Таърихи давраҳои қадимтарин, қадим ва ҳамчунин давраи асримиёнагии ин халқҳо хеле шабеҳ ва аксаран яксон буда, илова бар ин сайри тараққиёти он дар як сарзамин ба вуқӯъ пайвастааст. Бо вуҷуди ин, ду халқ ташаккул ёфт, ки имрӯз ба миллатҳои сотсиалистии тоҷик ва ӯзбек мубаддал гардидааст.

Бинобар ҳамин ҳам, омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми ба худ хоси онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ бо омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо ошкор намудани он чӣ ки онҳоро муттаҳид сохтааст, алоқаи ҷудонашаванда дорад. Дар асоси чунин омӯзиш решаҳои амиқи таърихии ҳамкории бародаронаи халқҳои Осиёи Миёнаро муайян кардан имконпазир хоҳад шуд.

Чунонки маълум аст, таърихи тоҷикон, мисли ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо таърихи бисёр халқҳои шарқи хориҷӣ, қабл аз ҳама, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, кишварҳои араб ва як қатор мамлакатҳои дигар алоқаманд аст. Мо – таърихшиносони советӣ ба робитаҳои таърихии халқҳои Осиёи Миёна ва шарқи хориҷӣ, ки онҳоро дар мубориза барои сулҳ ва пешрафти иҷтимоӣ муттаҳид месозад, баҳои баланд медиҳем.

Дар асарҳои олимони буржуазӣ гузаштаи халқҳои Шарқ, аз он ҷумла тоҷикон, ҳамчун силсилаи беинтиҳои ҷангу ҷидолҳо ва табаддулоти дарборӣ тасвир ёфта, бештар нақлу ривоятҳо дар бораи подшоҳон, ҳокимон ва сипаҳсолорон оварда мешаванд; гоҳ-гоҳ дар байни ин нақлу ривоятҳо баъзе

маълумоти роҷеъ ба таърихи маданиятро дучор омадан мумкин аст. Муаррихони буржуазӣ қонунияти таърихиро дар ин ҳолат ё умуман рад мекунанд ё худ аз нуқтаи назари идеалистӣ тафсир медиҳанд.

Тамоми ҳуҷҷат ва мадракҳои фаровони оид ба таърихи Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки кӯшишҳои як қатор муаррихони буржуазӣ, аз ҷумла муаллифони ба Ватани советӣ хиёнат карда, ба хизмати империалистон гузашта, ки таърихи халқҳои ин сарзаминро холӣ аз зиддиятҳои синфӣ ва мубориза ҳои синфӣ вонамуд карда, онро фақат чун арсаи задухӯрд ва низоъҳои ирқу нажодҳои мухталиф ба қалам доданӣ мешаванд, беҳуда ва бенатиҷа аст. Ин қабил муаррихон бархилофи далелҳои илмӣ ирқро бо халқ айният дода, «назария»-и ҳаннотонаи мумтозии ин ё он ирқи «асил»-ро пеш меронанд. Дар айни замон онҳо ба як типи нажодии помирӣ-фарғонӣ нисбат доштани ӯзбекон ва тоҷиконро инкор мекунанд. Умуман, кӯшиши аз нуқтаи назари ирқият тавзеҳ додани таърихи Осиёи Миёна, ҳамчунин дигар кишварҳо, зарарнок ва аз ҷиҳати илмӣ тамоман беасос аст.

Шарҳу баёни ҳақиқатан илмии ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании халқҳои гуногун фақат дар партави таълимоти марксистӣ-ленинӣ доир ба таърихи ҷамъият имконпазир мегардад. К.Маркс механизми тараққиёти ҷамъиятиро доҳиёна муайян намуда, гуфтааст: «Одамон дар истеҳсолоти ҷамъиятии ҳаёти худ ба муносибатҳои муайян ва зарурии ба иродаи худашон вобастанабудае – ба муносибатҳои истеҳсолие дохил мешаванд, ки ин муносибатҳо ба зинаи муайяни инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи моддии онҳо мувофиқ меоянд. Маҷмӯи ин муносибатҳои истеҳсолӣ сохти иқтисодии ҷамъиятро, базиси реалиеро ташкил мекунад, ки бар болои ин базис надстройкаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пойдор мегардад ва шаклҳои муайяни шуури ҷамъиятӣ ба ин базис мувофиқ меоянд. Тарзи истеҳсолоти ҳаёти моддӣ сабабгори, умуман, равандҳои сотсиалӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаёт мегардад. Шуури одамон ҳастии онҳоро муайян намекунад, балки, баръакс, ҳастии ҷамъиятии онҳо шуури онҳоро муайян мекунад. Қувваҳои истеҳсолкунандаи моддии ҷамъият дар зинаи муайяни инкишофи худ ба муносибатҳои истеҳсолии мавҷуда ё худ – ки ин фақат ифодаи ҳуқуқии ҳамин муносибатҳо аст – ба муносибатҳои моликият, ки дар дохили ҳамин муносибатҳо он қувваҳо то ҳол инкишоф меёфтанд, зид меоянд. Ин муносибатҳо, ки пештар шакли инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда буданд, акнун кишани онҳо мегарданд. Он гоҳ давраи револютсияи сотсиалӣ фаро мерасад. Бо тағйир ёфтани асоси иқтисодӣ дар тамоми надстройкаи бузург ба таври камубеш тез табаддулот ба амал меояд»[1]. Илми марксистӣ-ленинӣ чунин мавқеи муҳимми базис – маҷмӯи мураккаби муносибатҳои истеҳсолии ин ё он марҳалаи тараққиёти таърихиро ба асос гирифта, қонуни амали мутақобили базис ва надстройка, роли фаъоли надстройка ва шаклҳои муайяни шуури ҷамъиятии алоқамандии он, маданияти маънавӣ ва моддиро ошкор менамояд. Беҳтарин сарватҳои маданияти маънавӣ ва моддӣ, ки дар давоми ҳазорон сол аз таҷрибаи ҷамъиятию таърихии инсоният рӯидаанд, самараи фаъолияти моддӣ, илмӣ ва бадеии башарият, дониши пешқадам, назария ва шаклҳои мутараққии тафаккури эҷодӣ, яъне мероси маданӣ, бо тамоми маъниҳои

---

[1] К.Маркс, Ф.Энгелс. Асарҳо (Нашри дувуми русӣ), ҷилди 13, с.6-7.

умумисотсиологии он чун василаи муқтадир дар таҳаввулоти амиқи ҷамъияти ҳозира хизмат мекунад. Ин аст, ки мо ба омӯхтан ва таҳқиқи амалии гузаштаи таърихии ғании халқҳо пардохта ва ба он таҷдиди назар намуда, дар роҳи пешрафти ҳақиқии иҷтимоӣ ва ташаккули шахсияти мутаносиби коммунистӣ аз он неруи тозаи маънавӣ ҳосил мекунем.

Чунонки маълум аст, муборизаи синфӣ қувваи ба ҳаракатоварандаи тараққиёти таърихии ҷамъияти антагонистӣ мебошад. Аз ин рӯ, шӯру ошӯбҳои халқӣ ҳар гоҳ ҷамъияти осиёимиёнагиро ба ларза меоварданд. К.Маркс ва Ф.Энгелс навиштаанд: «Озод ва ғулом, патритсий ва плебей, помешик ва крепостной, усто ва шогирд – хулоса, золим ва мазлум нисбат ба якдигар дар антагонизми доимӣ буданд, муборизаи пай дар пайи гоҳ пинҳонӣ ва гоҳ ошкор мебурданд, ки ин мубориза ҳамеша бо азнавсозии револютсионии тамоми бинои ҷамъиятӣ ё бо ҳалокати умумии синфҳои муборизакунанда анҷом меёфт»[2]. Барои таърихшиносон чунин нишондоди В.И.Ленин бағоят муҳим аст, ки марксизм ба кашф кардани қонунияти ин ҳодисаҳое, ки «ба назар печдарпеч ва ҳарҷумарҷ менамоянд», роҳ нишон дод, яъне вай назарияи муборизаи синфиро кашф кард[3]. Илми таърихшиносии советӣ гузаштаи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёнаро маҳз аз ҳамин нуқтаи назар таҳқиқ менамояд.

Ҳанӯз солҳои 20-ум роҷеъ ба масъалаҳои ҷудогонаи таърихи маданӣ ва сиёсии Осиёи Миёна тадқиқоти зиёде ба миён омад. Очеркҳои В.В.Бартолд оид ба таърихи тоҷикон, қирғизҳо ва туркманҳо, асари умдаи ӯ «Таърихи ҳаёти мадании Туркистон», беҳтарин асарҳои таърихӣ ва адабиётшиносии асосгузори адабиёти советии тоҷик устод Садриддин Айнӣ, инчунин як идда тадқиқоти А.А.Семёнов ва М.С.Андреев маҳз дар ҳамон вақт таълиф ва нашр гардида буданд.

Дар солҳои 30-юм методологияи марксистӣ дар тадқиқоти таърихшиносон мавқеи асосиро ишғол менамояд. Донишмандони таърих мадракҳои илмии пештар бадастомадаро аз дидгоҳи материализми таърихӣ дубора аз назар мегузаронанд (дар ин маврид махсусан хидмати А.Ю.Якубовскийро бояд хотиррасон кард), маъхазҳои нав пайдо мешаванд, дар ҳудуди Тоҷикистон нахустин экспедитсияҳои археологӣ ба кор шурӯъ карданд.

Солҳои пас аз ҷанг давраи бозёфтҳои хеле зиёди маъхазҳои мухталиф ва пуранвои таърихӣ ба шумор меравад. Дар ин давра архивҳои қадима, санадҳои асримиёнагӣ, материалҳои оид ба сиккашиносӣ, археология, палеоантропология, забоншиносӣ ва ғайра ба даст меоянд. Ҳамаи ин ба амиқтар гардидани тадқиқот ва пурратар омӯхтани қонунияти протсесси таърихӣ имконият фароҳам меоварад. Дар баробари тадқиқи баъзе масъалаҳои алоҳида таърихчиён ба таълифи баъзе асарҳои калони монографӣ ва маҷмӯаҳо сар карданд.

Дар соли 1947 муаллифи ин сатрҳо асари ҷамъбасткунандаи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-ро таълиф намуда, худи ҳамон сол ба забони тоҷикӣ ва сипас, се маротиба (охирин бор дар соли 1955) ба забони русӣ чоп карда буд, ки ҳар дафъа бо тасҳеҳу иловаҳо аз нав таҳрир меёфт. Ин асар дар асоси

---

[2] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 4, с. 424.

[3] В.И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 21, с. 16.

таҳлили марксистӣ тараққиёти таърихии халқи тоҷикро аз давраҳои қадимтарин то соли 1917 ба таври мухтасар баён менамояд. Илова бар ин муаллиф дар таълиф ва таҳрири асари сеҷилдаи коллективии «Таърихи халқи тоҷик», ки солҳои 1963–1965 дар Москва аз тарафи Академияи фанҳои Тоҷикистон нашр гардид, бевосита иштирок дошт. Дар солҳои баъд ӯ кори худро дар тадқиқи проблемаҳои таърих ва маданияти халқи тоҷик давом дод. Маводҳои фаровони бадастомада танзим ва таҳлилу ҷамъбасти худро тақозо мекарданд.

Ин асар, ки бо унвони «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна» ба диққати хонанда пешниҳод мешавад, аз ду китоб иборат буда, давраи тӯлониро аз замони пайдоиши ҷамоаи инсонӣ дар сарзамини Осиёи Миёна то ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр дар бар мегирад.

Китоби якум аз чор фасл иборат аст. Фасли якум ба тавсифи сохти ҷамоати ибтидоӣ дар Осиёи Миёна бахшида шудааст. Дар фасли дувум ҳаёти қавму қабилаҳои мухталиф – аҷдоди тоҷикон дар давраи инкишофи муносибатҳои ғуломдорӣ тавзеҳ меёбад. Дар фасли севум тақдири таърихии Осиёи Миёна дар давраи зуҳури муносибатҳои феодалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли чорум вазъияти Осиёи Миёнаро дар давраи тараққиёт ва барқарории сохти феодалӣ баён мекунад. Китоби дувум фаслҳои панҷум ва шашумро дар бар кардааст: фасли панҷум таърихи халқи тоҷикро аз ибтидои асри XVI то миёнаи асри XIX ва фасли шашум аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия ва тараққӣ ёфтани муносибатҳои капиталистиро то ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр тавсиф менамояд. Маълумоти мухтасари манбаъҳои таърихӣ, рӯйхати адабиёт ва маъхазҳои иқтибосшуда, феҳристи номҳои тамоми асар дар охири китоби дувум оварда мешавад. Чун дар ин ҷо номи асарҳо ба сурати мукаммал зикр ёфтаанд, дар поварақ фақат ба ихтисораи онҳо ишора хоҳад шуд.

Муаллиф, бешак, ба тадқиқи муфассали ҳамаҷонибаи тамоми масъалаҳои таърихи халқи тоҷик накӯшидааст. Асли мақсади вай воқеа ва ҳодисаҳои асосии таърихиро бо тадқиқи проблемаҳои хеле муҳим, мураккаб ва баъзан мубоҳисавӣ пайвастан аст.

Бисёр ҷиҳатҳои таърихи давраҳои қадимтарин, қадим ва аввали асри миёнаи тоҷикон ҳоло чунонки бояду шояд омӯхта нашудааст, аммо материалҳои нав хеле фаровонанд. Аксар вақт масъалаҳои марбут ба ин ҷиҳатҳоро ба таври қатъӣ ҳал кардан имконпазир намегардад. Бинобар ин, муаллиф баробари шарҳи прагматии фактҳо фарзияҳои ҳамкасбони советӣ ва хориҷиро аз назар гузаронида, мушоҳида ва нуқтаи назари худро сареҳан баён менамояд. Табиист, ки дар ин сурат нақл нисбатан тафсил ёфта, истинод ба сарчашмаҳо ва ишора ба тадқиқоту нашрияҳои таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, сиккашиносӣ, забоншиносӣ, катибашиносӣ ва адабиётшиносӣ зиёдтар хоҳад гардид.

Дар ин китоб, ки асосан материалҳои дар осори илмӣ ба дараҷаи кофӣ тавзеҳёфтаро дар бар мегирад, мо ба қадри имкон аз такрори муаллифони дигар худдорӣ намудем. Чунончи, инро дар фасли давраи асри миёна, ки таърихи сиёсӣ ва қисман мадании он тавассути тадқиқоти чанд насли шарқшиносони рус ва советӣ, пеш аз ҳама, В.В.Бартолд, А.Ю.Якубовский,

А.А.Семёнов, Е.Э.Бертелс, П.П.Иванов ва дигарон ба таври муфассал омӯхта шудааст, метавон мушоҳида намуд. Ба ин сабаб истинод ва ишораҳои поварақи ин фасл нисбат ба фаслҳои дигар маҷмӯӣ ва хулосавист.

Баъзе проблемаҳое, ки дар ин китоб мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, аз инҳо иборатанд: дараҷаи тараққиёти маданият ва иқтисодиёти Осиёи Миёна дар асри биринҷӣ ва робита бо қабилаҳои Ҳиндустон, Эрон ва кишварҳои дигар; масъалаи ориёӣ ва асоси нажодию забонии тоифа ва халқҳои қадимаи Осиёи Миёна, Ҳиндустони шимолӣ, Афғонистон, Эрон ва даштҳои байни Аврупо ва Осиё; пайдоиш ва инкишофи ҷамъияти синфӣ; зуҳур ва таҳаввули оини зардуштӣ, синтези маданияти Осиёи Миёнаю Эрон, Ҳиндустону Юнони Қадим; пайдоиш, хронология ва маданияти Кушониён. Ба тавсифи сохти иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёнаи қадима боби махсусе бахшида шуда, дар баробари таҳқиқи таърихии ин проблемаи мураккабтарин тамоми материалҳои мавҷуда, ки ҳиссае аз онҳо нахустин бор ба ин муносибат бардошта шудаанд, ба риштаи таҳлил кашида мешаванд.

Таърих ва маданияти аввали асримиёнагии Тахористон ва Суғд хеле батафсил тадқиқ шуда, ба тағйироти прогрессивии ҳаёти ҷамъият: тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва пешрафти фавқулодаи маданияти бадеӣ боис гардидани пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои феодалӣ муқаррар карда мешавад. Дар ҳақиқат ҳам, Осиёи Миёна дар давраҳои кушонӣ, аввали асри миёна ва баъдтар ҳам яке аз муҳимтарин марказҳои мадании Шарқ ҳисоб меёфт.

Дар бобҳое, ки ба пойдоршавӣ ва инкишофи муносибатҳои феодалӣ бахшида шудаанд, диққати асосӣ ба комёбиҳои наве, ки илми советӣ дар давоми зиёда аз ду даҳсолаи охир дар ин соҳа ноил гардидааст, нигаронида мешавад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, тадқиқи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, қонуниятҳои ҳаёти иқтисодӣ ва падидаҳои муайяни он дар назар дошта шудааст.

Дар китоб ба ошкор намудани хусусиятҳои хоси ҳар як давра ва тадқиқи ҷараёни инкишофи созмонҳои ҷудогонаи иҷтимоию сиёсӣ диққати махсус дода шуд. Муаллиф аз маълумоти риштаҳои гуногуни илм ва сарчашмаҳо ба таври васеъ истифода бурд, ки онҳо қабл аз ин чи дар тасвири манзараи умумии таърих ва чи дар тавсифи тараққиёти ҷамъияти Осиёи Миёнаи асримиёнагӣ ниҳоят кам ё тамоман мавриди истифода воқеъ нашуда буданд. Маданияти асримиёнагии халқи тоҷик мухтасар, вале бо фаро гирифтани тамоми ҷабҳаҳои он: адабиёт, илм, санъат, ҳунари меъморӣ ва маданияти моддӣ баён ёфт.

Муаллиф ҷараёни пайдоиши қавму нажодҳоро низ ба тадқиқ гирифта, барои нишон додани роҳи ташаккули халқи тоҷик ба ҷамъ ва таҳлили ҳамаи мадракҳои ба илми имрӯза маълуми манбаъҳои хаттӣ, забоншиносӣ, палеоантропологӣ ва антропологӣ, этнографӣ ва адабиётшиносӣ саъю кӯшиш намуд. Ба ташаккули халқи ӯзбек ҳам қисмати махсус бахшида шуд – дар ин ҷо, мисли дигар қисматҳои китоб, натиҷаҳои тадқиқоти ҳамкасбони ӯзбекамон, ки мабдаи қадимаи пайдоиши қавми ӯзбек, дараҷаи баланд ва бикрияти маданияти халқи ӯзбекро ба таври қонеъкунанда нишон додаанд, мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт.

Дар асар шарҳу тафсири оқибати ба давлати ҳахоманишӣ, империяи юнону мақдунӣ ва хилофати араб ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна, ки дар адабиёти илмии мо, аз ҷумла, дар таълифоти худи муаллиф мавҷуд буданд, то андозае вусъат пайдо намуд. Бояд гуфт, ки дар ин бобат ду навъ шарҳу тафсир маъмул аст: яке – ситоиши истилогарон ва паст задани савияи маданияти халқҳои Осиёи Миёна, ки хоси илми буржуазист; дигаре – таҳқиқу тавзеҳи дар илми советӣ муқарраршуда аст, ки дар он аз рӯйи инсоф диққати асосӣ ба муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Осиёи Миёна бар зидди истилогарон ва нишон додани махсусият ва савияи баланди маданияти маҳаллии ин сарзамин нигаронида мешавад. Пештар муборизаи зидди ақидаҳои буржуазӣ ва ба онҳо муқобил гузоштани шарҳу тафсири марксистӣ фақат як қисми ин масъаларо – асосан воқеаҳои сиёсиро фаро мегирифт. Аммо ҷиҳатҳои иҷтимоию иқтисодии масъала дар канор монда, ғайрикофӣ тадқиқ мешуд ё нодуруст баён меёфт. Муаллиф кӯшиш намуд, ки ба тадқиқи ҳамаҷонибаи ин масъала пардохта, онро бо материалҳои оид ба муносибат ва робитаҳои иқтисодӣ ва таърихию мадании халқҳо ва синтези маданӣ пурратар созад.

Инсоният маҳз ба тавассути ривоҷи истеҳсолот ва маданият, мубодилаи комёбӣ, дониш ва таҷрибаҳои амалӣ ба пешрафти худ ноил гардидааст. Муборизаи муттафиқонаи халқҳо, ки дар ҷараёни он дӯстӣ ва бародарии онҳо ба вуҷуд омада, беш аз пеш устувор мешуд, дар муқобили тохтутозҳои харобиовар ва ғоратгаронаи ӯрдуҳои Искандари Мақдунӣ, Чингизхон, Темур ва дигар истилогарон монеаи сахте гардида буд. Ҳамкорӣ дар роҳи пешрафти иҷтимоӣ, алоқаҳои мусолиматомези тиҷоратию иқтисодӣ ба инкишофи синтези маданӣ мусоидат менамуд. Ба ин маънӣ санъати Юнони Қадим, санъати Қандаҳор, ки дар худ беҳтарин офаридаҳои мардуми Ҳиндустон, Осиёи Миёна, Порт ва Юнонро пайвастааст ва адабиёти арабизабонро бо фазилатҳои байналмилалии он метавон хотиррасон кард. Иртиботи наздик ва ғанӣ сохтани маданияти якдигар боиси тавлиди сарватҳои муштараки маданӣ гардид. Дар айни замон анъанаҳои маҳаллӣ, хусусият ва ҷиҳатҳои ба худ хоси маданияти халқҳо, аз он ҷумла аҳолии давраҳои қадим ва асри миёнаи Тоҷикистон ва умуман, халқҳои Осиёи Миёна, ки маданияти олӣ ва ба дараҷаи баланди тараққиёт расидаро ба вуҷуд овардаанд, маҳфуз монд.

Харитаҳои таърихӣ аз китоби «Таърихи халқи тоҷик (ч. I– II, М., 1963–1964) иқтибос шудаанд. Тасвирҳоро Эрмитажи давлатӣ, Институти санъатшиносии РСС Ӯзбекистон, Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, музеи Британия, ташкилоти бостоншиносии Франсия дар Афғонистон ва дигар муассисаҳои илмии советӣ ва хориҷӣ ва инчунин донишмандони ҷудогона лутфан дар ихтиёри муаллиф гузоштанд.

Таълифи асар дар соли 1970 анҷом ёфта буд. Бинобар ин, дар он асосан ҳамон манбаъҳо ва тадқиқотҳое, ки то охири соли 1969 ва аввали соли 1970 дастраси муаллиф буданд, мавриди истифода қарор гирифтанд. Он чӣ ки баъдтар, то аввали соли 1977, ба даст омад, дар нашри тоҷикии асар қисман истифода шуд.

Нашри русии китобро олимони советӣ ва хориҷӣ ба некӣ истиқбол карданд ва тақризҳои зиёд далели ин аст. Вале баъди нашри русии китоб

аллакай панҷ сол[4] гузашт, ки ин дар айёми инкишофи босуръати илм муддати кам нест. Дар ин солҳо маъхазҳои мухталиф ва пуранвои таърихӣ пайдо шуд, археологҳо ҳам ба бисёр кашфиётҳои беҳамто ноил шуданд. Оид ба давраҳои гуногун бисёр асарҳои илмии тадқиқотӣ интишор гардиданд. Худи муаллиф низ тадқиқи ҳаматарафаи масъалаҳоеро, ки дар китоб дарҷ шуданд, идома дода, ҳудуди хронологии онро аз нимаи аввали асри XVIII то ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр расонид. Дар натиҷа зарурат пеш омад, ки баъзе нуктаҳои асар тағйир дода шуда, баъзе ҷойҳои он мукаммал ва баъзе фаслҳои он муфассалтар карда шавад. Вале гуфтан даркор, ки бандубасти асар тағйир наёфт ва фақат ба сабаби афзудани ҳаҷм китоб ба ду қисм ҷудо карда шуд.

Муаллиф ба ҳамаи онҳое, ки бо маслиҳат, илова ва қайду эродҳои муфиди худ ба ӯ кумак карданд, алалхусус ба А.Е. Бертелс, И.С. Брагинский, Э.А. Грантовский, Е.А. Давидович, А.М. Мирзоев, И.М. Оранский, В.А. Ранов, В. А. Ромодин, албатта, ба муҳаррири нашри русии китоб Б.А. Литвинский ва муҳаррири нашри тоҷикии китоб А. Мухторов ташаккури самимӣ изҳор менамояд.

[4] Сарсуханро Б. Ғафуров дар аввали соли 1977 навиштааст.

# ФАСЛИ ЯКУМ

# СОХТИ ҶАМОАТИ ИБТИДОӢ ВА ЗАВОЛИ ОН ДАР САРЗАМИНИ ОСИЁИ МИЁНА

# БОБИ ЯКУМ

# ҶАМОАТҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

## 1. ПАЛЕОЛИТ. СОХТИ ПЕШАЗҚАБИЛАВӢ. ПАЙДОИШИ ҶАМОАТИ ҚАБИЛАВӢ

### Осори палеолити поин

Замони пайдоиши нахустин одамонро дар сарзамини Осиёи Миёна ба таври яқин муайян кардан хеле душвор аст, зеро осори аз ҳама қадимаи ҳаёти онҳо боқӣ намондааст. Ба гумони баъзе олимон, гӯё Осиёи Миёна дар дохили минтақаи одамшавии маймун воқеъ гардида будааст[1]. Ҳарчанд ин ақида маъмул ва мақбули умум маҳсуб ёфта наметавонад, бо вуҷуди ин кашфи қадимтарин ёдгориҳои ҳаёти одамиро дар ин сарзамин набояд берун аз имкон донист.

Соли 1953 А.П. Окладников дар рӯди Унарчаи наздики дарёи Норини Қирғизистон аз девораи регии суфаи қадимаи плейстотсени миёна қайроқи калони дасти инсон расидаро, ки як тарафи он ба теғи дарози барҷастаи камонӣ монанд аст, пайдо намуд. Чунин олат дар илми бостоншиносӣ бо номи чоппер – олати қайроқсанг машҳур аст[2]. Пас аз чанд соли бозёфти ин олати қадима дар маҳалҳои мухталифи Осиёи Миёна боз даҳ макони он кашф гардид[3]. Ин гуна олат дар бисёр ноҳияҳои Олами Куҳан ба хубӣ маълум буда, қадимтарин маданияти инсонӣ – маданияти қайроқсангро тавсиф менамояд[4].

Таҳлили типологӣ нишон медиҳад, ки олати қайроқсанги Осиёи Миёна бо маданияти ба истилоҳ суонии давраи палеолити Ҳиндустон хеле шабоҳат дорад[5]. Аз ин чунин бармеояд, ки ин ду кишвар дар давраи палеолити поин як роҳи умумии таърихиро тай кардааст. Чунонки аз мадракҳои геологӣ маълум мешавад, аҳли маданияти қайроқсанг дар давраи пиряхҳои нахуст ва яхбандии рис, яъне дар давраи плейстотсени миёна, беш аз 200 ҳазор сол қабл аз ин зиндагӣ ба сар бурдаанд. Он вақтҳо чунин ҳайвонот, аз қабили ҷинсҳои қадимаи фил, асп, мамонт ва бизонҳои шохдароз, намудҳои гуногуни каркадан вуҷуд доштаанд. Аз рӯйи баъзе далелҳо, одам дар он замон хеле кам будааст.

---

[1] Нестурх М.Ф., 1964.
[2] Окладников А.П., 1966 б, с. 19.
[3] Ранов В.А., 1966.
[4] Ниг.: масалан, Movius H.L. 1944; Leadey L. S.B., 1951 ва ғ.
[5] Ранов В.А., 1964 а.

Олати навъи дигар дастколаҳои сангӣ, ки барои палеолити поини Аврупо бисёр характернок аст, фақат дар қисмати ғарби мамлакат – дар Туркманистон пайдо гардид.

Баъзе олимон изҳори шубҳа мекарданд, ки Осиёи Миёна ин қадар барвақт маскани одам шуда будааст, зеро нишонаҳои зиндагии инсон дар ин маҳал аввало, ки хеле кам, дар баъзе ҷойҳо, алоҳида-алоҳида ёфт мешуданд ва сонӣ, аслан дар қабатҳои аз ҳама болоии заминҳои соҳили дарёҳо ба назар мерасиданд. Вале, инак соли 1973 дар мағзи зардхоки Қаротоғи Ёвон ва сипас, дар ҳафт ҷойи ҷануби Тоҷикистон дар мағзи хокҳое, ки дар чуқурии 50–65 метр воқеъ мебошанд, олоти сангӣ ба даст омад. Ҳафриёти ду бошишгоҳ – бошишгоҳи Қаротоғ-1 ва Лоҳутӣ-1 нишон дод, ки дар ин ҷо нишонаҳои бошишгоҳи нав, осори маданияти то ба ҳол номаълуме ҳастанд, ки он «маданияти Қаротоғ» ном гирифт. Таърихи ин қабати археологӣ 200–150 ҳазор сол аст, ки инро бо мадракоти геологӣ муайян карда, баъд бо усули термолюминистсенсия аниқ намуданд. Маданияти Қаротоғ аз ҷиҳати тавсифоти худ ба маданияти қайроқсанг мансуб аст ва аз маданияти суонии нимҷазираи Ҳиндустон, ки дар боло номбар шуда буд, ягон фарқи казоӣ надорад. Баъди ин кашфиёт ҷойи шубҳа нест, ки дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна сараввал тоифаҳое маскун шуданд, ки ба давраҳои маданияти қайроқсанг тааллуқ доштанд[6].

## Осори палеолити миёна

Дар Осиёи Миёна аз марҳилаи баъди ҳаёти башари аввалия – палеолити миёна ёдгориҳои фаровон боқӣ мондааст. Ин замони нашъунамои маданияти мустйе, замони мавҷудияти неандерталҳо буд, ки дар ҳудуди палеолити миёна ва боло аз онҳо инсони навъи имрӯза ташаккул ёфтааст.

Дар ин давр қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият нисбат ба давраи палеолити поин тезтар ба дигаргунӣ рӯ ниҳоданд: техникаи тайёр кардани олот зудтар такмил ёфт, шакли олатҳо нав ва вазифаи онҳо гуногун гардид. Одамон на танҳо нигоҳ доштани оташ, балки гирондани онро ёд гирифтанд. Навтарин усулҳои статистикӣ имкон медиҳад, ки дар ноҳияҳои мухталиф, аз ҷумла дар Осиёи Миёна чанд маҳалли маскуни асрисангии миёна, ки мумкин аст мавҷудияти ягон иттиҳодияи калони ҷамоатиро инъикос гардонанд, ошкор карда шавад.

Масканҳои саркушода ва ғори мустйе дар бисёр ҷойҳои Осиёи Миёна, чи дар қисмҳои кӯҳсор ва чи дар дашту воҳаҳо ёфт шуданд. Чунончи, ин қабил иқоматгоҳҳо дар Туркманистон – дар нимҷазираи Красноводск ва Кӯпетдоғи Марказӣ, ғорҳои қадима дар Ӯзбекистон – дар наздикии Тошканд ва Самарқанд, масканҳои саркушодаи зиёд дар Тоҷикистон – дар Фарғонаи ғарбӣ, ноҳияи Ӯротеппа, водиҳои Ҳисор ва Вахш, ноҳияи Данғара ва ниҳоят, дар солҳои охир осори маданияти мустйе дар Қирғизистони шимолӣ низ кашф гардиданд.

---

[6] Ranov V.A.., 1976.

Мағоки Тешиктош дар Иттифоқи Советӣ ва хориҷа шуҳрати зиёд пайдо намуд[7]. Вай дар наздикии шаҳри Тирмиз, дар воҳаи Тургондарё, дар кӯҳсори Бойсун воқеъ гардидааст. Дар ин мағок панҷ табақаи маскун, ки неандерталҳои чандин бор ба манзили куҳнаи худ бозгашт намуда боқӣ гузоштаанд, мушоҳида шудааст. Аз ин ҷо қариб 3 ҳазор маснуоти сангӣ пайдо гардид, ки 339-тои он олоти комил мебошад. Дар байни онҳо ду навъи олоти хеле маъмул – корд ва белчаи сангӣ мавҷуд аст. Корд ҳамчун олоти бурранда ва силоҳи шикорӣ хизмат мекард. Белчаро барои сохту пардохти дарахт, пӯст истифода менамуданд. Олатҳои дигар хеле каманд. Сайди асосии шикорчиёни тешиктошӣ бузи кӯҳии сибирӣ буд, ки дар кӯҳистони Осиёи Миёна бисёр дучор меомад. Ғайр аз ин гавазн, хирс, паланг ва дигар ҳайвонҳои хурдтарро низ шикор мекарданд.

Тасодуфан пайдо шудани ҷасади одами аҳди мустйе – писарбачаи 8–9-сола воқеаи дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ гардид. Аз вақти ин бозёфт наздик чил сол гузашта бошад ҳам, бостоншиносон ба ёфтани дигар косаи сари одами неандертал муваффақ нашудаанд, ҳарчанд ки ҳоло дар мамлакати мо даҳҳо макони мустеӣ маълум аст. Дар гирди ҷасад (косаи сар ва баъзе устухонҳои скелети писарбача) шоххои бузи кӯҳӣ ба шакли ҳалқа гузошта шудаанд, ки аз ин метавон бо нияти муайян ба хок супурда шудани онро тахмин кард.

Коллексияи олоти сангии Тешиктош бо осори дигар мағораҳо пурратар гардид. Аз байни онҳо мағоки ба қарибӣ ёфташудаи Обираҳматро, ки дар масофаи 100 км дуртар аз Тошканд воқеъ аст, ном бурдан мумкин аст. Материалҳои ҳафриёти ин ёдгории хеле ҷолиб ҳанӯз муфассалан интишор наёфтааст. Аз ин мағок бештар аз 30 ҳазор маснуоти давраи мустйе пайдо шуд.

Дар водии Сирдарё, дар байни Ленинобод ва Навкати Қайроққум бисёр материалҳои муҳим ба даст расид. Олоти ду марҳилаи давраи мустйе дар ин ноҳия бо бақияи суфаҳои қадимаи Сирдарё алоқаманд аст. Ин олатҳо дар регҳои обшустаи суфаҳо ҷамъ шудаанд. Дар ин ҷо ҳам ба мисли Тешиктош аксари олотро белча ва кордҳои сангӣ ташкил мекунанд, фақат фарқ дар ин аст, ки онҳо на аз оҳаксанги чахмоқии зудшикан, балки аз санги сахти сумоқ (порфирит) сохта шудаанд.

Ҳамаи ин ёдгориҳо мутааллиқи маданияти ба «истилоҳ леваллуаю мустйе» буда, бо ёдгориҳои давраи мустйеи Шарқи Наздик шабоҳат доранд[8].

Вале дар ҷануби Тоҷикистон якчанд ёдгориҳои давраи мустйе пайдо шуданд, ки тамоман хусусияти дигар дошта, бо тамаддуни Ҳиндустон ва соири кишварҳои дар ҷанубу ғарби Тоҷикистон воқеъгардида наздиканд. Калонтарин маҳалли ин навъи осори қадима Қаробӯра, воқеъ дар водии Вахш (наздики Ҷиликӯл) аз ҷониби В.А. Ранов тадқиқ шудааст. Вай аз силсилаи дунгиҳои на он қадар баланди регӣ иборат аст, ки рӯйи онҳоро ба ғафсии ду метр сангрезаҳо пӯшидаанд. Маснуоти қадима маҳз аз байни ҳамин сангрезаҳо ёфт шудаанд. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин маҳал дар қатори олоти муқаррарии мустйе маснуоти махсуси сангӣ – олоти ҳақиқии қайроқсанг – чоппер ва чоппинг низ пайдо гардид, ки бо ҳамин қабил маснуоти давраҳои баъдинаи маданияти Суои Ҳиндустон бисёр монанд аст.

---

[7] Окладников А.П., 1949.

[8] Окладников А. П., 1966 б, с. 48–49.

Ҳафриёти майдончаи назди ғори Оғзикичики ноҳияи Данғара барои тадқиқи маданияти мустйе материали фаровон дод. Аз ин ҷо даҳҳо олатҳои гуногуни сангӣ, аз ҷумла, белчаву кордҳои гуногун ба даст омад, ки хеле хуб сохта шудаанд. Инчунин бисёр устухони ҳайвон низ ёфт шуд, ки неандерталиҳо сайд карда будаанд. Дар қатори устухони ҳайвонҳои маълуме, ки то ба ҳол вуҷуд доранд, устухони карки дарозпашм ва асп барин ҳайвонҳое низ ёфт шуданд, ки то ба рӯзҳои мо омада нарасидаанд.

Қисми болоии табақаи маскуни (табақаи археологии) ин ҷо дар ҷойи дигар вонамехӯрад ва иборат аз пораҳои ба лой часпидаи резаи устухони сангпуштҳои даштиву дигар ҳайвонҳо мебошад. Аксари устухонпораҳо сӯхтагианд ва ин далолат мекунад, ки мардуми Оғзикичик дар ҳамон давраҳо асосан гӯшти сангпуштро истеъмол мекардаанд[9].

Ба ин тариқа, аз давраи мустйе сар карда, дар маданияти асри сангии Осиёи Миёна мушобиҳати ду минтақаи бузурги палеолит – Осиёи Шарқӣ ва Миёнаро метавон мушоҳида намуд. Чунин наздикии маданиятҳоро дертар, дар давраи неолит ҳам дидан мумкин аст[10]. Мутобиқи мадракҳои навтарин, синни осори асосии давраи мустйе дар Осиёи Миёна 50–40 ҳазор сол мебошад.[11]

## Осори палеолити боло

Тахминан 40–35 ҳазор сол пеш ташаккули навъи имрӯзаи башар Homo sapiens сурат мегирад.

Дар ин давра асбобу олоти сангӣ босуръат такмил меёбад. Ба ивази се-чор намуди асосии олатҳои замони мустйе асбобу абзорҳои гуногуни сангӣ ба вуҷуд меоянд. Бо такмили асбобу олот ҳаҷми онҳо хурдтар ва василаҳои шикор низ беҳтар мегардад.

Дар давраи палеолити боло ташаккули қабилаҳо шурӯъ мешавад: қавми модарӣ, ки аз гурӯҳи экзогамии одамони бо риштаҳои хешӣ ва умумияти насаби модарӣ баҳампайваста фароҳам омада буданд, дар ҳамин давра ба дараҷаи рушду такомули худ мерасад.

Палеолити болои Осиёи Миёна кам тадқиқ шудааст. Зоҳиран, баръакси давраи мустйе, шароити табиӣ на дар ҳамаи ноҳияҳои Осиёи Миёна барои зиндагонии одамони он давр мусоид буд.

Муҳимтарин ёдгории палеолити боло қароргоҳи Самарқанд мебошад, ки дар даруни худи шаҳр воқеъ гардидааст. Дар байни ҳазорон маснуоти аз се табақаи маскунӣ бадастомада абзорҳои мухталиф, аз қабили белча, корд, асбобҳои тарошанда, буранда ва ғайра мавҷуданд. Соли 1964 аз ин ҷо ҷоғи одами палеолити боло ёфт шуд. Сардори ҳафриёт Д.Н. Лев чунин тахмин дорад, ки одамони ин қароргоҳ дар манзилҳои аз гил ва қамиш сохташуда мезистаанд. Ғанимати шикори онҳо асосан асп, хар, гови ваҳшӣ, шутур, оҳуи даштӣ, гӯсфанди ваҳшӣ ва гавазн будааст[12].

[9] Ранов В. А., 1975.
[10] Ранов В. А., 1965 б.
[11] Окладников А. П., 1966 б, с. 45–46; инчунин Иванов И. К., 1965.
[12] Лев Д. Н., 1965.

Дигар ёдгории палеолити боло маҳаллест, ки бо номи «Хоҷағор» машҳур буда, дар водии хурди силсилакӯҳи Туркистон, дар наздикии деҳаи Чоркӯҳ воқеъ аст[13]. Ин ёдгорӣ ба охири палеолити боло тааллуқ дорад; эҳтимол меравад, ки одамон дар ин ҷо 15–12 ҳазор сол пеш аз ин, яъне дар аҳди кунунии геологӣ зиндагонӣ кардаанд. Табақаи маскуни ин ҷо маҳфуз намондааст, олатҳои аз санги чахмоқ сохташударо сел рӯфта бурдааст[14]. Вале ин ёдгорӣ аз ҷиҳати фаровонии анвои олоти чахмоқсанг, ки бо шакл ва сохту пардохти худ аз олоти бошишгоҳи Самарқанд фарқ мекунад, ҷолиби диққат аст.

Солҳои 1969–1970 дар бошишгоҳи Шугнов, ки дар болооби Яхсу воқеъ аст, чанд табақаи маскунӣ кашф шуд. Дар ин маҳал дар мағзи зардхоки ҷарии панҷоҳметраи соҳили дарё дар вусъати калони майдон 4 табақаи маскуни палеолити боло кофта шуд. Синни табақаи қадимтарин, мувофиқи мадракоти геологию археологӣ 35–30 ҳазор сол ва синни табақаи навтарин, мувофиқи усули радиокарбонии муайян кардани сана, 1050 сол мебошад. Аз ду табақаи аз ҳама боло бештар аз ҳама олоти меҳнат ёфта шуд. Табақаҳои маскуни бошишгоҳи Шугнов чунон ҷойгир шудаанд, ки ҷиҳати стратиграфии онҳо возеҳ ба назар мерасад ва ин ба археологҳо имкон медиҳад, ки инкишофи тадриҷии маданияти палеолити болои Тоҷикистонро равшан тасаввур намоянд[15].

Ба мадракҳои дигар низ истинод намуда, мумкин аст гуфт, ки дар Осиёи Миёнаи аҳди палеолити боло ду анъанаи техникӣ мавҷудияти худро давом медод, ки яке бо палеолити Осиёи Шарқӣ ва Сибир (қароргоҳи Самарқанд) ва дигаре бо палеолити Осиёи Пеш (Хоҷағор) алоқаманд буд.

## Тавсифи ҷамъияти палеолит

Мо дар асоси материалҳои археологӣ инкишофи тадриҷии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъияти давраи палеолити Осиёи Миёнаро мавриди тадқиқ қарор додем. Аммо масъалаи такомули тадриҷии иҷтимоии ин ҷамъият ниҳоятдараҷа мураккаб аст. Ҳатто қонуниятҳои асосии тараққиёти он дар асарҳои мутахассисони сотсиология низ ба таври мукаммал омӯхта нашудааст, мулоҳиза ва хулосаҳои пешниҳодшуда мавзӯи баҳсу мунозираҳои тундутез гардидаанд[16]. Масъалаи оид ба хусусиятҳои инкишофи ҷамъияти аҳди палеолити Осиёи Миёна, умуман, ба миён гузошта нашудааст.

Агар гӯем, ки ҷамъияти инсонӣ бисёртарин қисмати вақти худро дар марҳилаи асри санг гузаронидааст – ин сухани умумӣ хоҳад шуд. Дар ин маврид ҷоиз аст, ки барои возеҳтар ифода ёфтани матлаб қиёси борҳо истифодашударо биёварем. Инак, шартан фарз кунем, ки тамоми ҳаёти ҷамъияти инсонӣ то Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ҳамагӣ як сол давом кардааст. Дар он сурат ба одам табдил шудани маймун дар аввали моҳи

---

[13] Окладников А. П., 1964, с. 170.

[14] Несмеянов С. А., Ранов В. А., 1964.

[15] Ранов В. А., Никонов А. А., Пахомов М. М., 1976.

[16] Ниг.: масалан: Семёнов Ю.И., 1966; Семёнов Ю.И., 1968; Тер-Акопян Н.Б., 1968; Бутинов Н.А., 1968; Кабо В.Р., 1968 (дар ин асарҳо феҳрасти муфассал ва нигориши таърихи масъала мавҷуд аст).

январ ба вуқӯъ пайваста, давраи ҳукмронии палеолит қариб тамоми солро то 25-уми моҳи декабр фаро мегирад ва тамоми таърихи ҷамъияти синфии Осиёи Миёна баҳузур дар ним соати охири пеш аз соли нав «ғунҷоиш» меёбад.

Ташкилоти иҷтимоӣ дар палеолити поин хеле сода ва ибтидоӣ буд. Коллективҳои аз ҳама қадим ва нав ташаккулёфтаи одамонро Ф.Энгелс «гала» номидааст[17]. В.И.Ленин пайи ҳам «галаи ибтидоӣ» ва «коммунаи ибтидоӣ»-ро номбар мекунад[18].

Давраи галаи ибтидоӣ давраест, ки ҷамъияти инсонӣ ташаккул ёфта, асоси асосҳои он фароҳам меояд. Дар охири палеолити миёна ва боло ташкилоти қабилавии ҷамъият – коммунаҳои ибтидоӣ бо тартиби қавмию насабӣ пайдо мешавад. Ин сохти қавмии модарӣ буд, ки зан дар он мавқеи хеле баландро ишғол мекард[19]. Муносибати оилавӣ дар доираи никоҳи гурӯҳӣ сурат мегирифт.

Истеҳсолот коллективӣ бошад ҳам, вале дараҷаи қувваҳои истеҳсолкунанда ниҳоят паст буд. «Ин навъи ибтидоии истеҳсолоти кооперативӣ ё коллективӣ, албатта, на оқибати умумӣ кардани воситаҳои истеҳсолот, балки натиҷаи заифии шахсияти ҷудогона буд»[20]. Қувваҳои истеҳсолкунанда дар як ҷо намонда, ба оҳистагӣ такмил меёфт. Тараққиёти беш аз пеши қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкилоти ҷамъиятӣ боиси мураккабшавии шаклҳои маданияти инсонӣ мегардид. Бояд гуфт, ки ёд гирифтани тариқи ҳосил кардани оташ, сохтани манзилҳои одӣ, ривоҷи шикори ҳайвоноти калон ва ба ин васила гузаштан ба зиндагонии муқимӣ – ҳамаи ин қадамҳои муҳимми тараққиёти прогрессивии ҷамъияти инсониро нишон медиҳад. Чунонки аз мадфани писарбачаи тешиктошӣ аён мегардад, дар ҳамон вақтҳо аввалин аломатҳои русуми дафн, нахустин падидаҳои дин ба зуҳур омада будаанд.

## 2. МЕЗОЛИТ ВА НЕОЛИТ

Замони мезолит ва неолитро одатан ба 10–15 ҳазор сол тахмин мекунанд. Лекин давоми ин давраи ҳаёти инсонӣ дар ҳар маҳал ҳар хел будааст. Дар асоси маълумот ва мадракҳои мавҷудаи археологӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аҳолии Осиёи Миёна дар ин давра хеле сершумор гардида, дар шароити сохти қабилавии модаршоҳӣ зиндагонӣ мекардаанд. Дар ин давра олоти истеҳсолот нисбатан мукаммал ва беҳтар мегардад. Усулҳои нави асбобу олотсозӣ: сайқал додан, парма ва арра кардан, ки дар гузашта аз онҳо ҳеҷ асаре набуд, ба таври васеъ паҳн мешаванд. Соҳаҳои нави хоҷагӣ, аз қабили кулолӣ, зироат ва чорводорӣ низ ба вуҷуд меоянд. Мувофиқи шароити табиӣ дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна маконҳои шикорчиёни моҳигир, шикорчиёни чорводор ё худ барзгарони ибтидоӣ пайдо мешаванд.

[17] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 34, с. 138.
[18] Ниг.: В.И.Ленин. Асарҳо, ҷилди 35, с. 111.
[19] Дар таърихнигории советӣ нуқтаи назари дигар низ мавҷуд аст (ниг.: Кабо В.Р., 1968, с. 258–265).
[20] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 19, с. 404.

## Осори мезолит

Осори давраи мезолит хусусан дар маҳалҳои соҳили Каспӣ ба таври муфассал тадқиқ шудааст. Намунаи барҷастаи он бозёфти диққатангези А.П.Окладников – ғори Ҷабал мебошад. Маълумот ва мадракҳои аз ин ҷо бадастомада дар солҳои охир ба тавассути кашфи боз як махзани ёдгориҳои қадима – ғори Замзамчашма афзунтар гардид. Дар табақаҳои пуршумори маскуни ин ғорҳо ва дигар ёдгориҳои наздики Каспӣ даҳҳо ва садҳо асбобу абзори хурди сангичахмоқӣ боқӣ мондааст, ки аз байни онҳо, алалхусус, олоти шакли ҳандасӣ: қитъаи доира (сегмент), секунҷа, шакли мунҳариф (трапетсия) ҷолиби диққат аст. Маълумот ва мадракҳои археологӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи мезолит ва оғози неолит дар баробари шикори ҳайвонот сайди моҳӣ ва ғизоғундорӣ ривоҷ меёбад. Ёдгориҳои соҳили Каспӣ бо хосияти худ ба маданияти ҳамонвақтаи Осиёи Пеш қаробат доранд[21].

Ҳангоми ковиши бошишгоҳи Тутқавул дар маҳалли сохтмони ГЭС-и Норак осори нодири мезолит ба даст омад. Дар ин ҷо дар қатори олоти маъмули мезолити Осиёи Пеш (кордҳои сангии якдама, сегментҳо ва ғ.) олоти дағалтаре низ ёфт шуд, ки онҳо мезолити ҳазораҳои XIII–VII то милоди Тутқавулро бо маданияти давраҳои сонитари Ҳисор марбут месозанд. Осори Дараи Шӯр ҳам маконан ва ҳам тавсифан ба маданияти номбурда наздик аст. Ин осор дар 20 км шарқтари Тутқавул воқеъ мебошад.

Дар бошишгоҳи Обикиик, ки дар ҷойи аз қаторкӯҳи Рангинтоғ баромадани роҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа ҷой гирифтааст, як силсила олоти аҷоиби мезолит ёфт шуд.

Аммо осори дар Помир кашфшуда аз ин ёдгориҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ин ҷо, дар шароити фавқулодаи кӯҳистон, дар иртифои мутлақи аз 3,5 ҳазор то 4,2 ҳазор метр аз сатҳи баҳр, баландтарин дар ҷаҳон қароргоҳи одамоне ёфт шуд, ки 95 ҳазор сол пеш зиндагӣ ба сар бурдаанд (ин сана ба воситаи таҳқиқи физикии ангишти оташдони қароргоҳи Ошхона муайян гардидааст)[22].

Ин хосиятан маданияти дигарест, ки аз мезолити ғарбӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар он асосан асбобу олоти дурушт, мисли белчаҳои аз санги қайроқ сохташуда, ба назар мерасанд, яъне дар ин ҷо бештар техникаи давраи палеолит ҳукмфармо буда, аз олатҳои ҳандасӣ асаре ҳам дида намешавад. Он аслан қароргоҳи шикорчиён будааст, ки дар фасли тобистон ба ин маҳалли аз сайд фаровон кӯчида меомадаанд. Дар қароргоҳи Ошхона чор табақаи маскун кашф гардид, беш аз 10 ҳазор олат ҷамъ карда шуд[23].

## Осори неолит

Тахминан 9–7 ҳазор сол қабл аз ин асри нави санг оғоз ёфтааст.

Дар Осиёи Миёна се умумияти мадании таърихиро, ки аз якдигар бо шароити зиндагӣ ва осори худ фарқ мекунанд, метавон аёнан мушоҳида намуд. Дар ҳамин марҳила дар ҳаёти ҷамъияти инсонӣ тағйироти таърихӣ рӯй

[21] Окладников А.П., 1966 а.
[22] Бутомо С.В. ва диг., 1964.
[23] Ранов В.А., 1962 б.

медиҳад. Инсоният аз масраф ва захираи неъмат ба тавлид ва истеҳсоли он қадам мегузорад – ҷойи шикор ва ғизоғундориро зироат ва чорводорӣ ишғол менамояд. Ин дигаргуниро гоҳо «инқилоби неолит» меноманд. Албатта, воқеан ин тавр нест, балки ин ном фақат шартист.

Дар тӯли доманаи Копетдоғ он вақтҳо масканҳои аҳли маданияти Ҷайтун – қабилаҳое, ки аз тамоми қавму тоифаҳои сокини Иттифоқи Советӣ пештар ба зироат шурӯъ намудаанд, воқеъ гардида буданд. Онҳо дар деҳкадаҳои қабилавӣ, дар хонаҳои кулӯхӣ зиндагонӣ мекарданд. Чорводорӣ низ аз машғулиятҳои асосии онҳо ба шумор мерафт. Асбобу олоти деҳқонии онвақта аксаран аз досҳои содаи сангичахмоқӣ иборат буданд, ки онҳо 36,5 фоизи олатҳои тадқиқшударо ташкил менамоянд. Аз навъҳои зироат бештар гандум ва ҷав кошта мешуд. Дар қатори аслиҳаву абзори сангичахмоқӣ пораҳои зарфи гилӣ ҳам пайдо гардиданд, ки аз мавҷудияти кулолӣ дар он замон гувоҳӣ медиҳанд. Зарфҳо дастӣ сохта, баъзан бо хатҳои ислимӣ ва нақшунигори тӯросо оро дода мешуданд. Ин ҳоло қадимтарин намунаи осори кулолии Осиёи Миёна мебошад.

Ба санъати сафолиёти Ҷайтун хеле фаровон будани асбобҳои майдаи сангӣ хос аст. Дар ин ҷо пайкони тир ё найза мутлақо дучор нашуд. Аз афти кор, асбоби меҳнат ва ҷанг аз сангҳои майда сохта шуда, баъд васл карда мешуд[24].

Дар ҳамон давраҳо барои сафолпазӣ кӯраву хумдонҳои махсус вуҷуд доштанд, гарчанде худи асбобҳои сафолӣ кам истеҳсол мешуд.

Дар яке аз бошишгоҳҳои маданияти Ҷайтун – дар Чӯпонтеппа қабрҳое ёфт шуданд, ки хусусияти ба худ хос доранд ва ин хусусият дар давраҳои сонӣ ҳам ба назар мерасад ва он иборат аз ҳамин аст, ки қабр дар худи бошишгоҳ дар рӯйи ҳавлӣ ё дар дохили хонаҳо канда мешуд. Дар байни бошишгоҳҳои ин маданият Пассочиқтеппа мақоми махсус дорад ва маҳз дар ҳамин ҷо биное ёфт шуд, ки, аз афти кор, бинои ҷамъиятӣ мебошад. Дар яке аз деворҳои ин бино бо ранги сиёҳу сурх сурати даррандагону паррандагон ва нақши аҷоиб кашида шудааст[25]. Ин сурат яке аз қадимтарин суратҳои рӯидеворӣ дар СССР мебошад.

Дар давраи неолит сокинони соҳилҳои камбориши ҷануби Туркманистон барои обёрӣ зоҳиран фақат дамиши обро истифода мебурданд. Барои ин махсус ҷӯйҳо меканданд ва палҳо месохтанд. Дар айни ҳол дар маҷрои мобайнии дарёву дарёчаҳо воқеъ будани баъзе бошишгоҳҳо шояд далели он бошад, ки оби он дарёву дарёчаҳо барои обёрии заминҳои лаби дарё истифода бурда мешуд. Чорводорӣ хеле равнақ ёфта бошад ҳам, ба туфайли шикор низ хеле гӯшт (дар Ҷайтун қариб 25%) ба даст оварда мешуд, ғайр аз ин пӯсту устухони чорво низ дар рӯзгор ба кор мерафт[26].

Дар макони ин маданият – Ҷайтун низ чандин муҷассамачаҳои гилии ҳайвонот ва одамонро ёфтаанд. Ин муҷассамаҳо, ба ақидаи В.М.Массон, маъбадҳои қабилавӣ мебошад[27]. Замон ва таърихи мавҷудияти ёдгориҳои асосии маданияти Ҷайтун ҳазораи VI пеш аз милод аст.

---

[24] Массон В.М., 1971, саҳ 27
[25] Дар ҳамон ҷо, с.51.
[26] Дар ҳамон ҷо, с. 81–89.
[27] Массон В.М., 1966 б, с. 88.

Қабилаҳое, ки ба умумияти дигар тааллуқ доштанд, дар дашту ҷулгаҳои Осиёи Миёна, хусусан дар воҳаи Бухоро ва канораҳои баҳри Арал ҳаёт ба сар мебурданд. Ёдгориҳои аз онҳо боқимондаро бо номи «маданияти Калтаманор» ёд мекунанд. Вай асосан маданияти шикорчиён ва моҳидорон буда, бо ҳамин ҷиҳат аз маданияти пеш аз ин зикршуда тафовут дорад. Калтаманориҳо, зоҳиран, дар марҳалаҳои охири тараққиёти худ ба ром кардани ҳайвонот ва аз худ кардани зироати ибтидоӣ шурӯъ намудаанд. Санаи маъмули мавҷудияти ин умумияти қабилавӣ ҳазораи IV–III пеш аз милод аст.

Ҳамин тариқ, дар он замон инкишофи номавзуни маданиятҳои асри санг ба амал меояд. Ҳафриёти Ҷонбозқалъаи 4, ки аз он ҷо боқимондаҳои манзили калони гирдашакли аз чӯбу қамиш сохташудаи ба ҷамоаи қабилавии иборат аз 100 нафар ва бештар аз он тааллуқдошта пайдо гардид, ҳаёти қабилаҳои калтаманорро хеле барҷаста тасвир менамояд. Ҳамин навъ манзили боз ҳам калонтар дар қароргоҳи Ковати 7 ёфт шуд.

Хусусияти маданияти Калтаманор аз олатҳои хурди сангичахмоқӣ ва инкишофи техникаи васла зоҳир мегардад. Санги чахмоқ аз кӯҳи Султонуиздоғ ба даст оварда мешуд. Дар ин ҷо кони санг ва устохонаи сохту пардохти олоти сангичахмоқӣ (Бурлӣ 3), ки ба давраи Калтаманор тааллуқ доштааст, пайдо гардид. Ҳамчунин аз масканҳои қадима бисёр асбобҳои сафолӣ, аз ҷумла сафолҳои нақшунигорин ёфт шуданд[28].

Дар кӯҳистон ва маҳалҳои назди кӯҳсори Осиёи Миёна умумияти қабилавии севум – маданияти Ҳисор макон ёфта буд. Ин воқеа ҳам «неолити кӯҳистон» аст, яъне давраест, ки бо шароити махсуси зиндагонии одамони даранишин тавсиф меёбад. Нахустин муҳаққиқи маданияти Ҳисор А.П.Окладников ҷиҳатҳои ниҳоят фарқкунандаи олатҳои сангии ин маданиятро, ки қисми асосии онҳоро асбобу абзори қайроқсангӣ ташкил додаанд, хотирнишон намуда буд. Бозёфти чунин асбобу олот дар Осиёи Миёна мебошад. Хусусияти дигари ин маданият иборат аз он аст, ки дар байни ёдгориҳои он аз асбобҳои сафолӣ ҳеҷ як асаре дида намешавад. Ба ақидаи А.П.Окладников, аҳли маданияти Ҳисор аввалин барзгарони вилоятҳои кӯҳистон буда, дар баробари зироат ва чорводорӣ шикор ҳам дар ҳаёти онҳо мавқеи худро нигоҳ медоштааст. Бозёфтҳои Тутқавул (соҳили чапи дарёи Вахш дар наздикии Норак), ки он ҷо дар масоҳати калоне макони бисёртабақа ва пуросори онвақта тадқиқ мешавад, таърихи пайдоиш ва ҷараёни инкишофи маданияти Ҳисорро равшантар хоҳад намуд.

Дар Тутқавул чор табақаи маскун (ду табақаи маданияти мезолити ҳазораи X–VIII пеш аз милод ва ду табақаи мутааллиқ ба худи маданияти Ҳисор) кашф гардид. Дар табақаҳои маданияти Ҳисор боқимондаҳои оташдони нимдоираи аз санг чидашуда, инчунин «хоначаҳо»-и махсуси аз девораҳои чандқабатаи сангӣ биноёфта пайдо шуданд. Ин гуна суфачаҳо, ки зоҳиран ҳамчун бунёди манзилҳои сабукбори чӯбӣ хизмат мекардаанд, дар ҳафриётҳои Шарқи Наздик низ дарёб гардиданд»[29].

Дар байни бештар аз 40 ҳазор маснуоти асри санг, ки аз ҳафриёти Тутқавул ба даст омадааст, табарҳои хуби суфта, кордҳои тез, абзорҳои дастии хонагӣ:

---

[28] Толстов С.П., 1948 а. с. 59–66; Виноградов А.В., 1968; Коробкова Г.Ф., 1969.
[29] Braidwood R.J. 1967, p. 106-107.

дарафш, парма, белча ва бисёр олатҳои сохту пардохти чӯб мавҷуданд. Аслиҳаи асосии шикорӣ аз найза ва синон иборат буд, ки ба дастаҳои чӯбӣ ё устухонӣ теғ нишонда, бо мум ва ширеш маҳкам мекарданд. Қисмати асосии ёдгориҳои маданияти Ҳисорро олатҳои калони санги қайроқӣ ташкил менамоянд. Асбобу олоти устухонӣ хеле кам ба назар мерасад. Аз ҳафриёти ин ноҳия устухонҳо – аввалин осори антропологии аҳли маданияти Ҳисор низ ёфт шуданд.

Мувофиқи усули радиокарбӣ муайян карданд, ки табақаи болоии маскуни Ҳисор 5150±140 сол пеш аз милод вуҷуд доштааст.

Муқаррар кардани асосҳои иқтисодии марҳалаи тутқавулии маданияти Ҳисор ниҳоятдараҷа душвор аст. Вале аз мадракҳои археологӣ чунин бармеояд, ки он маскани шикорчиён ва ғундорандагони неъматҳои табиӣ набуда, балки одамони навакак ба шаклҳои истеҳсолкунандаи хоҷагӣ қадамгузошта мебошанд. Иқтисодиёти сокинони қадимаи Тутқавул бештар ба марҳалаи «пайдоиши зироат ва чорводорӣ» наздик аст. Як қатор нишона ва аломатҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки чорводорӣ мавқеи асосӣ доштааст. Дар байни устухонҳои миқдоран ками ҳайвонот, ки аз табақаҳои маскунӣ берун оварда шудаанд, устухони буз ва гӯсфанди хонагӣ ба назар мерасанд.

Ҳоло дар дасти мо баъзе далелҳое мавҷуданд, ки барои муайян кардани ҳудуди интишори маданияти Ҳисор имкон медиҳанд. Ин навъ ёдгориҳо асосан воҳаҳои сарзамини имрӯзаи Тоҷикистонро фаро гирифтаанд. Ёдгориҳои мушобеҳи ин, ки дар дигар ноҳияҳои кӯҳистони Осиёи Миёна, аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон, Фарғона ва соҳилҳои Иссиққӯл дучор меоянд, мутаассифона, то ҳол дуруст омӯхта нашудаанд.

Таърихи мавҷудияти маданияти Ҳисор ва санаҳои асосии осори он низ муайян карда шуд. Маълум гардид, ки ин маданият на камтар аз се ҳазор сол (ҳазораҳои VI–III пеш аз милод) давом кардааст. Ёдгориҳои давраи аввали ин маданият дар Тутқавул, давраи миёна дар Кӯи Бӯлёни Данғара ва ниҳоят давраи охири он дар Теппаи Ғозиёни Ҳисор маҳфуз мондаанд[30].

Масъалаи гузаштан аз маданияти Ҳисор ба филиз ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ тадқиқ нагардидааст.

## Қадимтарин тасвирҳои рӯйи санг

Тасвирҳои рӯйи санг, ки барои дарк намудани тафаккури башари қадим ва тасаввуроти нисбат ба муҳит пайдокардаи ӯ кумак мерасонанд, мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони таърихи бостон қарор гирифтаанд.

Дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна ҳазорон тасвирҳои дар сахраҳо кандашуда мавҷуданд, ки машҳуртарини онҳо тасвирҳои Саймалитош дар Фарғона[31] ва Лангаркишт дар Помири ғарбӣ мебошад[32]. Дар Тоҷикистон ҳам чандин маҳалли ин қабил ёдгориҳоро метавон ном бурд. Чунончи, дар қадди соҳили Зарафшон ва шохаҳои он[33], дар силсилакӯҳи Қурама[34] ва дигар

[30] Коробкова Г. Ф., Ранов В. А., 1968.
[31] Бернштам А. Н., 1952.
[32] Ранов В.А., 1960 а.
[33] Далский А. Н., 1949; Манделштам А. М., 1956.

маҳалҳо миқдори зиёди тасвирҳои рӯйи санг пайдо гардидаанд. Дар Помир тақрибан 50 маҳалли чунин ёдгорӣ қайд шудааст[35]. Аксари ин тасвирҳои рӯйи санг ба даврони таърих ва қисман ба замони скифу сарматҳо тааллуқ дорад. Аз тадқиқи онҳо масъалаҳои хеле ҷолибе ба миён меоянд, ки эҳтимол, чанд насли донишмандон – археологҳо ва санъатшиносон ба ҳалли онҳо машғул хоҳанд шуд.

Вале аз ҳама ҷолибтар қадимтарин тасвирҳои рӯйи сахраҳо офаридаи одамони асри санг мебошад. Ин қабил тасвирҳо ҳамагӣ фақат дар якчанд нуқтаҳо дучор омадаанд. Онҳо чи аз ҷиҳати мавзӯъ ва чи аз ҷиҳати тарзи офариниши худ аз чунин осори ҳунарии давраҳои баъд фарқ мекунанд. Яке аз фарқҳои муҳимми тасвирҳои қадима ин аст, ки онҳо бо ранг кашида шудаанд.

Тасвирҳои хеле диққатангези Заравутсой (воқеъ дар Ӯзбекистон) кайҳост, ки шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Дар байни ин тасвирҳо хусусан саҳнаи шикори говони ваҳшӣ, ки шикорчиён рӯйи худро бо або пӯшидаанд, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Дар натиҷаи тадқиқоти солҳои охир маълум гардид, ки ин суратҳо ба давраҳои неолиту энеолит тааллуқ дошта, эҳтимол, баъзе қабатҳои қадимтари онҳо ба замони мезолит ҳам рафта мерасида бошанд[36].

Чунин ба назар мерасад, ки қадимтарин тасвири рӯйи санг дар Осиёи Миёна суратҳои мағораи Шахта мебошад, ки дар Помир кашф шудааст. Дар девори мағораи начандон калоне, ки дар баландии 4200 м аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст, суратҳои ба ду ранг кашидашуда маҳфуз мондаанд. Тасвири одамони ба зери қаноти мурғон паноҳбурда, гурозҳо ва хирсҳо хеле хуб намоён аст. Ҳайвонҳо дар лаҳзаи захмӣ шудан аз тири шикорчиён тасвир шудаанд. Бино ба сабки нигориши ин суратҳо, қазоват кардан мумкин аст, ки онҳо назар ба суратҳои Заравутсой қадимтаранд ва метавонанд ба давраҳои аввали неолит ё худ мезолит нисбат ёбанд[37].

Суратҳое, ки аз ду маҳалли дигари кӯҳистони Осиёи Миёна – дар наҳри Сариҷас[38] ва Куртикисои наздики мағораи Шахта ёфт шудаанд, ба давраҳои баъдтар, ба аҳди охири неолит ё биринҷӣ тааллуқ доранд[39].

## 3. АСРИ БИРИНҶӢ

### Гузариш ба сохти қавмии падарӣ

Асри биринҷӣ муҳимтарин давраи таърихи инсоният мебошад. Дар ин давра чи дар тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва чи дар сохти иҷтимоии ҷамъият тағйироти ҷиддӣ ба вуқӯъ меояд: истихроҷ ва гудозиши маъдан ва сохтани асбобҳои филизӣ шурӯъ гардида, олоти истеҳсолот такмил мeёбад, дар киштукор обёрии сунъӣ ҷорӣ мешавад, қариб тамоми қабилаҳои Осиёи Миёна

[34] Ранов В. А., 1960 б.
[35] Ранов В. А., Гурский А. В., 1960.
[36] Формозов А. А., 1966; 1969, с. 60–78.
[37] Ранов В. А., 1961.
[38] Окладников А. П., Ратсек В. И., 1954.
[39] Ранов В. А.. 1961.

ба хоҷагии истеҳсолкунанда мегузаранд, тадриҷан масканҳои бузург ба вуҷуд меоянд; ниҳоят, дар охирҳои ин давра нобаробарии молумулкӣ ва иҷтимоӣ авҷ гирифта, заминаи дар оянда ба ҷамъияти синфӣ гузаштанро фароҳам меоварад.

Ибтидои асри биринҷиро «энеолит» – «асри сангу мис» меноманд, зеро маҳз дар ҳамин вақт, баробари ҳифзи анвои зиёди олоти сангӣ, оҳиста-оҳиста асбоб ва маснуоти мисӣ ҳам пайдо ва паҳн мешаванд. Энеолит дар ҷануби Туркманистон ҳазораҳои IV–III пеш аз милодро дар бар гирифта, дар маҳалҳои дигар то ҳазораи II пеш аз милод давом намудааст. Асри биринҷӣ асосан аз охири ҳазораи III пеш аз милод оғоз ёфта, мавҷудияти худро то қарнҳои IX–VIII пеш аз милод нигоҳ медорад.

Дар аҳди биринҷӣ қабилаҳои Осиёи Миёна ба дараҷаи хеле баланди тараққиёти маданияти моддӣ ва маънавӣ расида, дар байни тамаддуни шаҳрҳои Шарқи Наздику Миёна ва Ҳиндустон, аз як тараф, ва қабилаҳои Поволже, Қазоқистон, Сибир, Осиёи Марказӣ ва Хитой, аз тарафи дигар, ҳалқаи пайвандкунанда гардида буданд. Бо вуҷуди ин, дар осори олимони Ғарб майли ошкоро кам карда нишон додани аҳаммияти тамаддуни қадими мардуми Осиёи Миёна ба назар мерасад. Ҳатто дар чунин як асари ҷиддӣ монанди «Таърихи инсоният. Тараққиёти маданият ва илм», ки ЮНЕСКО нашр кардааст, роҷеъ ба маданияти аҳди биринҷии ҷануби Туркманистон чунин суханҳо гуфта шудаанд: «Хусусияти умумии он нисбатан сода аст, ин маданияти ҷамъиятест, ки на дар ягон ҷараёнгоҳи прогресс, балки яқинан дар «халиҷи кӯчаке» умр ба сар бурдааст»[40]. Таҳқиқоти олимони советӣ ин гуна мулоҳизаҳои беасоси нигилистонаро комилан рад мекунанд. Мадракҳои таърих гувоҳӣ медиҳанд, ки саҳми Осиёи Миёна дар маданияти асри биринҷии Шарқ бағоят бузург аст, ба замми ин, қабилаҳои эронизабону ҳиндузабон ба кишварҳои ҳамсояи Ҳиндустон, Афғонистон ва Эрон маҳз аз Осиёи Миёна омадаанд. Ононе, ки аз ин қабилаҳо дар Осиёи Миёна монданд, як андоза тафовут пайдо карда, минбаъд аз ҳамқавмони ба Эрон ва Ҳиндустон рафтаи худ ҷудо шуданд. Тараққиёти минбаъдаи маданияти Осиёи Миёна ниҳоятдараҷа бартарӣ доштани анъанаҳои давраи энеолитро нишон медиҳад.

## Қувваҳои истеҳсолкунанда

Бо мурури асрҳо олоти истеҳсолот беш аз пеш такмил ёфта, техника тараққӣ намуд. Яке аз равияҳои ин тараққиёт ба пайдоиши филизгудозӣ оварда расонид. Илм дар ихтиёри худ мадракҳои аниқ ва дақиқи ба вуҷуд омадани металлургияи ибтидоиро надорад. Аввалҳо одамон филизоти худрӯйро як навъи махсуси санг пиндошта, бо ҳамон усуле, ки ба санги муқаррарӣ кор мефармуданд, сохту пардохт мекарданд. Тадриҷан онҳо пай бурданд, ки баъзе навъҳои санг дигаргун буда, хосияти ёзандагӣ доранд. Дертар, вақте ки инсон аз даруни хокистари сард дар натиҷаи тасодуфан гудохта шудани маъдансанг як порча мисро пайдо намуд, фикри аз маъдан хориҷ кардани мис, яъне гудозиши маъдани мис ба вуҷуд омад. Таҷрибаи сафолпазии кулолон дар кори омӯхтани филизгудозӣ хеле кумак расонид. Ин

[40] Hawkes J. and Wolley L., 1963, p. 827.

қадамҳои аввали саноати филизсозии ибтидоӣ бо машаққати зиёде гузошта шуда, чунонки бостоншиносон муайян кардаанд, чандин ҳазор сол тӯл кашидааст.

Аммо олоти мисӣ, бинобар мулоим будани худ, он қадар самараи дилхоҳ дода натавонист. Он, вақте ки инсон ба мис қалъагӣ (гоҳо сурб, сурма ва маргимуш) ҳамроҳ карданро омӯхт, вазъият фавран тағйир ёфт, як навъи нави филиз – биринҷӣ тавлид гардид, ки дар баробари як қатор бартариҳои технологӣ ба сабаби хеле сахт буданаш барои вусъат пайдо кардани таҳияи олоти филизӣ имконият фароҳам овард. Вале дар айни замон асбобу аслиҳаи сангӣ низ ҳамоно мавҷудияти худро нигоҳ медошт[41].

Ф.Энгелс навиштааст: «Муҳимтарини онҳо (филизот.– Б.F.) мис ва қалъагӣ, инчунин биринҷии аз ҳамбастагии онҳо ҳосилшуда ба шумор мерафтанд; биринҷӣ олоту аслиҳаи лозимаро ба вуҷуд овард, лекин олоти сангиро аз байн бурда натавонист; ба ин кор фақат қудрати оҳан мерасид, аммо ҳосил кардани оҳанро ҳоло намедонистанд»[42].

Дар Осиёи Миёна осори бисёр конҳои мис, ки дар асри биринҷӣ кашф гардида, мавриди истифодаи аҷдоди қадимаи мо қарор гирифта буданд, боқӣ мондаанд. Чунончи, дар Фарғона мисро аз кони Навкат, дар кӯҳистони Чатқолу Қурама истихроҷ мекарданд, ҳамчунин конҳое, ки дар Букунтоғ ва дигар маҳалҳои кӯҳсори Осиёи Миёна ёфт шуданд, аз ҳамин қабил манбаъҳои машҳури мис ба шумор меравaнд. Тадриҷан хелҳои маъдане, ки дар гудозиш истифода мебурданд, зиёдтар гардид; аввалҳо филизгудозони ибтидоӣ мисро фақат аз маъданҳои туршонидашуда гудохта ҳосил мекарданд, баъдтар технологияи нисбатан мураккабтари аз маъданҳои хеле васеъ паҳншудаи сулфид ҳосил кардани мис аз худ карда шуд. Дар Осиёи Миёна қалъагӣ аз кони Қарнаб, воқеъ дар самти ҷанубии водии Зарафшон, истихроҷ карда мешуд[43].

Зироат ва чорводорӣ, ки дар аҳди гузашта пайдо шуда буд, дар асри биринҷӣ ба соҳаи асосии хоҷагӣ табдил ёфта, аҳаммияти шикор камтар гардид.

Дар ҷануби Туркманистон, ки дарёчаву ҷӯйбор бисёр аст, зироаткорон дар вақтҳои аввал аз обхезиҳо истифода карда, бештар дар заминҳои лойқа кишт мекарданд. Дар ҳазораи IV пеш аз милод дар ин ҷо нахустин иншооти обёрӣ пайдо гардид, ки дар тамоми Шарқи Пеш қадимтарин иншоот ба шумор меравад. Обанбори сунъии ғунҷоишаш 3,5 ҳазор метри мукааб, инчунин каналҳои обёрии андаке дертар (дар байни ҳазораҳои IV–III пеш аз милод) сохташуда кашф гардиданд, ки онҳо ба ҷӯю ҷӯйчаҳои зиёде тақсим шуда, қариб 150 гектар замини яке аз деҳкадаҳои ҷануби Туркманистонро обшор мекардаанд. Аввалҳо зироати асосиро ҷави дурадда ва гандуми нарми зирадона ташкил мекард, вале сонитар, чунонки бозёфтҳои бостонӣ шаҳодат медиҳанд, ғайр аз ҷаву гандум ҷавдор, нахӯд ва ангур низ ба қатори зироатҳои асосӣ дохил гардид. Пештар доси сангӣ ба кор бурда мешуд, баъдҳо ҷойи онро доси мисӣ ва биринҷӣ гирифт. Яқинан метавон гуфт, ки дар айни тараққиёти

[41] Богаевский Б.Л., 1936, с. 390–439; Литвинский Б.А., 1954 б, с. 13–36; «A History of Technology», 1957, p. 572–598.
[42] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Соч., т. 21, с. 161.
[43] Литвинский Б.А. ва диг., 1950; 1962, с. 189–191.

аҳди биринҷӣ дар шудгор ва киштукор аз қувваи ҳайвонот низ истифода мебурданд. Рамаи чорпоён аксаран аз бузу гӯсфанд иборат буд. Аз ҳайвоноти корӣ, алалхусус аспу шутур нигоҳ дошта мешуд[44].

Пайдоиши зироати обӣ дар байни қавму қабилаҳои дигар вилоятҳои Осиёи Миёна нисбатан дертар, дар охирҳои аҳди биринҷӣ ба вуқӯъ омад. Маълумот ва мадракҳои баҳснопазире ҳастанд, ки дар ҳазораи II пеш аз милод дар Хоразм мавҷуд будани каналҳои обёриро тасдиқ менамоянд[45]. Аз эҳтимол дур нест, ки ин гуна каналҳо дар Фарғона ҳам буданд. Чорводорӣ дар хоҷагии ин вилоятҳо назар ба ҷануби Туркманистон ҳиссаи бештареро ташкил мекард.

Дар баробари истихроҷи филиз, пайдоиши филизгудозӣ, зироат ва чорводорӣ дигар навъҳои истеҳсолот, аз ҷумла кулолӣ, таҳияи олоти сангӣ ва ғайра низ хеле тараққӣ карда буд.

## Вилоятҳои таърихию мадании Осиёи Миёна

Сайри тараққиёти таърихии аҳди биринҷӣ дар қисматҳои мухталифи Осиёи Миёна яксон набуд. Дар ин бобат ду вилояти калонро метавон зикр кард: 1) ҷанубу ғарбӣ (ҷануби Туркманистон); 2) шимолу шарқӣ (қисматҳои боқимондаи Осиёи Миёна). Маданияти ин вилоятҳо аз ҳам ҷиддан фарқ менамуд. Дар айни замон миёни онҳо робитаи қавӣ ва тӯлонӣ вуҷуд дошт[46].

Дар ҷануби Туркманистон маданияти муқимии зироатӣ, ки аз рӯйи нахустин осори таҳқиқшуда «маданияти Анав» номида шудааст, ривоҷ ёфта буд. Нахустин ковишҳои Анав бо номи кишваршиноси рус А.В.Комаров алоқаманд аст. Баъдҳо экспедитсияи америкоӣ бо сардории Р. Помпелли ин ковишҳоро давом дод[47]. Бо ҳафриёти солҳои 1949–1950 дар Намозгоҳтеппа баамаловардаи Б.А.Литвинский тадқиқи илмии ёдгориҳои маданияти Анав шурӯъ гардид[48]. Сипас, ин корро Б.А.Куфтин идома дода, нақшаи табақабандии ин ёдгориҳоро пешниҳод намуд, ки то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст[49]. В.М.Массон ва ҳамкорони ӯ дар натиҷаи ковишҳои чандинсола материали фаровоне доир ба тамоми марҳалаҳои маданияти Анав ба даст оварданд. Ба ин васила В.М.Массон материалҳои оид ба таърихи қабилаҳои Анавро тадқиқ ва ҷамъбаст намуда, онҳоро бори аввал ба доираи васеи масъалаҳои таърихи Шарқи қадим дохил намуд[50].

Дар аввалҳои энеолит маскани одамон фақат аз як дар ва хона иборат буд. Баъдтар дар марҳалаҳои минбаъдаи тараққиёти энеолит атрофи онро ба мақсади мудофиа девор мекашанд; хонаҳои ҷамоатӣ низ сохта мешаванд, ки дар ҳар яке қӯшманқал гузошта шудааст. Тадриҷан тамоюли сохтани манзилҳои серхона пайдо мешавад. Дар охирҳои энеолит масканҳо боз ҳам

---

[44] Лиситсина Г.Н., 1965; «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы». М.–Л., 1966, с. 110–113, 164.
[45] Итина М. А., 1968; Андрианов Б. В., 1969. с. 102–110.
[46] Муқоиса кунед бо ИТН, I, с. 98–100.
[47] «Explotations in Turkestan», 1908.
[48] Литвинский Б.А., 1952 б.
[49] Куфтин Б.А., 1954.
[50] Массон В.М., 1956, а; 1956 б; худи ӯ, 1959; 1960; «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с. 76–128, 151–178.

васеътар гардида, тақрибан ҳамаи онҳо аз манзилҳои серхона иборат мешаванд ва аз чанд манзили наздик як маҳаллаи иқоматӣ ба вуҷуд меоянд.

Зарфҳои сафолии пурнақшунигор аз ҷиҳатҳои махсуси маданияти ҷануби Туркманистони аҳди энеолит то охири аҳди биринҷӣ ба шумор меравад.

Дар аҳди биринҷӣ масканҳои хурд ва миёна (ба масоҳати то 10 гектар) ва деҳкадаҳои хеле калони шаҳристонмонанд, аз қабили Намозгоҳтеппа, ки то 70 гектар масоҳат дошт, мавҷуд буданд.

Дар давоми мавҷудияти Намозгоҳтеппа, ки ҳанӯз дар аҳди энеолит пайдо шуда буд, табақаи маскунӣ ба ғафсии қариб 34 метр расидааст. Машғулияти асосии аҳолӣ ба тариқи пештара давом карда, вале анвои зироат бисёртар гардид. Дар хоҷагии қишлоқ олоти мисӣ ва биринҷӣ ба вуҷуд омад ва ҳамин қабил маснуот дар қатори асбобҳои сангӣ ба зиндагонии мардум низ беш аз пеш роҳ ёфт. Зоҳиран ин деҳкада аз якчанд манзилгоҳҳои калоне таркиб ёфта, дар ҳар яке аз онҳо ҷамоаи сероилае маскан намуда буд. Дар яке аз ин манзилгоҳҳо 27 хона (ҳамагӣ на камтар аз 50 хона буд), ки бо роҳравҳо ба якдигар пайваст гардидаанд, пайдо карда шуд. Биноҳо ба намуди росткунҷа ва мураббаъ, баъзе шаклан нодуруст ҳам сохта шуда буданд. Девори хонаҳо аз хиштҳои калони росткунҷа бардошта шудаанд. Дар ин хонаҳо чанд хел оташкада ва суфаҳо мавҷуд буданд. Деворҳоро ба хубӣ андова намуда, дар баъзе ҷоҳо гаҷкорӣ ҳам кардаанд. Аз баъзе мадракҳо маълум мешавад, ки як қисми хонаҳо боми гумбазшакл доштаанд. Ба ин тариқа, дар давраи энеолит ва биринҷӣ корҳои сохтмони меъморӣ дар маҳалҳои ҷануби Осиёи Миёна ниҳоятдараҷа тараққӣ мекунад.




**Зарфҳои сафолии нақшин (1-7) ва бенақши (8-10) давраи Намозгоҳи IV**

Саноати ҳунармандӣ низ хеле равнақ меёбад. Корхонаҳои мисгудозӣ ба вуҷуд омада, аз муҳрачаву сӯзан то ханҷарҳои мисӣ маснуоти гуногун истеҳсол

мегардиданд. Аз санг ҳам на фақат аслиҳа ва олоти меҳнат, балки ҳар гуна асбобҳои зиндагӣ ва зарфҳои зебо сохта мешуданд. Маҳорати кулолҳо низ ба дараҷаи баланд мерасад. Онҳо аз кӯзачаву қадаҳҳои ниҳоят хурд то хумҳои хеле калон зарфҳои гуногун месохтанд. Зарфҳои бисёр нафис ва зебои таомхӯрӣ бо гулҳои рангоранг ороиш меёфтанд. Дар ин вақт саноати бофандагӣ ҳам бағоят пеш меравад.

Нақшунигори зарфҳоеро, ки дар баробари нақшаҳои ҳандасӣ, суратҳои мор, паранда, буз ва ғайра кашида шудаанд, омӯхта, доир ба мафкураи аҳолии Намозгоҳтеппа баъзе маълумот ба даст овардан мумкин аст. Махсусан, расми бузи дар байни ду дарахт қароргирифта ниҳоят воқеӣ тасвир ёфтааст. Муҷассамаҳои гилии хеле табиӣ баромадаи одам ва ҳайвонот низ ёфта шудаанд. Баъзе аз ин қабил суратҳо ҳанӯз вуҷуд доштани боқимондаҳои давраи модаршоҳиро нишон медиҳанд. Аз тасвироти маросимӣ амсилаи гилии хона ва чархи гилии аробаро ном бурдан мумкин аст. Дар назди девори хонаҳо ва дар зери онҳо қабри одамон низ дучор меояд[51].

Ҳафриёти муназзами ин бошишгоҳ имкон дод, ки тарҳи онро равшан тасаввур кунем. Дар мобайни шаҳр майдоне ёфт шуд, ки гирдогирдаш пур аз ҳавлӣ мебошад. Дар шарқи теппа иншооти динӣ ва дар шимол хумдонҳои зиёде воқеъ буданд. Биноҳои иқоматӣ ба се навъ тақсим мешаванд: 1. биноҳои бисёрхона, ки дар онҳо аъзои як ҷамоаи сероила зиндагӣ мекарданд; 2. биноҳои бисёрхонае, ки дар онҳо чанд хона алоҳида-алоҳида ҷудо карда шуда, ғайр аз ин анборча ва ҳавличаю ошхона низ дорад; 3. биноҳои калоне, ки тарҳи аниқи муқаррарӣ дошта, вусъати онҳо аз 70 то 80 $м^2$ аст. Тахмин меравад, ки дар ин гуна биноҳо аъёну ашроф ва дар биноҳои ду навъи аввал намояндагони табақаҳои поёнтари ҷамъият зиндагӣ мекарданд. Дар қарибии биноҳои иқоматӣ дахмаҳои ҷамоатӣ воқеъ буданд; аз рӯйи ҷиҳози дафн низ тақсимоти молумулкии ҷамъиятро равшан дидан мумкин аст[52].

Иншооти диние, ки дар давраи Намозгоҳи V ба вуҷуд омадааст, ҷолиби диққат аст, – ин иншоот дар теппае ҷой дорад, ки дар он чанд қабати қадимтари маскун ёфт шуданд. Теппа бо хишти хом рӯкаш шуда, дар болои он як иморати бурҷмонанде сохта будаанд, ки аз пеш қариб 21 метр бар дошт. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки ин иморат зинадор буд – чор зинаи аввали он ёфт шуд. Беруни девори зинаи дигари иморат бо нақшҳои хиштихомии барҷастаи сезина оро дода шудааст. Ба ақидаи В.М.Массон, ин иморат зиккуратҳои Шумерро хотиррасон менамояд.

Шимолтари ин иншоот чанд бинои иқоматие буд, ки ба биноҳои навъи 3 мансуб аст ва роҳбарони ҳафриёт онро «кохи коҳин» номидаанд. Дар ҷанубтари ин маҳалли иқомат дахмае воқеъ буд, ки он як долони дароз ва панҷ ҳуҷра дошт. Яке аз ин ҳуҷраҳо, ки, эҳтимол, ибодатхона бошад, хеле материалҳои пурарзиш дод. Аз ҳамаи ҳуҷраҳо шаддаҳои лоҷувардӣ, фирӯзӣ, ақиқӣ ва тиллоӣ ёфт шуд. Алалхусус, ҳайкалчаҳои тиллоии сари гург ва барзагов (ҳайкалчаи сари барзагов фирӯзанишон аст) ба аҳамияти махсус

[51] Литвинский Б. А., 1952 б.
[52] Массон В. М., 1968, 1974, 1976.

молик мебошад. Дар ин дахма, умуман, турбати зиёда аз 30 кас ёфт шуд, ки ҳамаи онҳо, аз афти кор, аъзои як оилаи калони ҷамоат буданд[53].

Ҳафриёти Олтинтеппа ҷойи маданию таърихии маданияти давраи мутараққии асри биринҷии Анавро муайян намуд ва аҳамияти он маҳз дар ҳамин аст. Ин маданият дар заминаи анъанаи маданияти маҳаллӣ ташаккул ёфта, баъд аз комёбиҳои тамаддуни мутараққии Байнаннаҳрайн фаровон баҳра бардошт ва бо тамаддуни Фаластин, Сурия ва Осиёи Хурд қаробат пайдо намуд[54].

Шомилони маданияти Анав дар давраи биринҷӣ ҳам аз гил бут месохтанд. Ин бутҳо аз ҳайкалчаҳои ҳаҷмдору умумисохти давраи энеолит фарқи калон доранд. Ин бутҳо муҷассамачаҳои асосан мусаттаҳи зан ва баъзан мард мебошанд, ки ба тани онҳо ороиши зиёде часпонда шудааст ва баъзан ин муҷассама танҳо як пораи гил аст, ки дар вақти мулоим будани он ба рӯяш тарҳи дарахтҳо ва дигар суратҳо сабт гардидааст[55]. Ба ақидаи муҳаққиқон, ин бутҳо таҷассуми он худову олиҳаҳое намебошанд, ки кайҳо маълум шуда буданд, балки инъикоси арвоҳи ҳамон ашёву ҳодисаҳоеанд, ки пеш аз пайдоиши худоҳои махсус вуҷуд доштанд[56].

Дигар деҳкадаи шаҳристонмонанд – Олтинтеппа, ки аз Намозгоҳтеппа хурдтар буда, ҳамагӣ масоҳати 46 гектарро ишғол мекард, осоре аз биноҳои азими Шарқи қадим ва ҳунари мардуми он, мисли муҷассамаҳои бо хат ва аломатҳои рамзӣ ороишёфтаро то замони мо расонид[57].

Охирин марҳилаҳои асри биринҷӣ чи дар осори тамаддуни Намозгоҳтеппа ва чи дар дигар ёдгориҳои доманаи кӯҳи Купетдоғ ва воҳаи Марв нишонаҳои худро боқӣ гузоштааст.

Тадқиқоти солҳои охир далолат мекунанд, ки ҳанӯз дар давраи Намозгоҳ V қисми сокинони доманаи кӯҳҳои Купетдоғ ба соҳилҳои резишгоҳи Мурғоб кӯчидан гирифтанд. Дар ин ҷо бисёр бошишгоҳҳои начандон калон (вусъати калонтарини онҳо 15 га) ёфт шудаанд, ки дар лаби маҷроҳои қадимии дарёҳо ҷой гирифтаанд. Ба маданияти Анав қаробат доштани онҳо равшан аст. Эҳтимол, сокинони ин ноҳия бо мардумони дашт харидуфурӯш мекарданд. Масалан, мумкин аст ба онҳо асбобҳои сафолӣ мефурӯхтанд. Дар ин бошишгоҳҳо ҳайкалчаҳои занон, муҳрҳои нақшини сангӣ, филизӣ ва сафолӣ ба даст омадаанд, ки ба маданияти давраи Намозгоҳ V-и Анав хос аст.

Баъдтар, дар миёнаҳои ҳазораи II то милод ба резишгоҳи Мурғоб аз доманаи кӯҳҳо гурӯҳи дигари мардум кӯчида омаданд, ки маданияти моддии онҳо ба маданияти Намозгоҳ VI тааллуқ дорад. Айнан дар ҳамин давра дар бошишгоҳҳои Мурғоб ба сохтани қалъаҳое шурӯъ карданд, ки бурҷҳои мустаҳкам доштанд[58]. Шубҳае нест, ки ин кор тақозои замона буд, зеро айнан ҳамин гуна қалъаҳо дар Афғонистони шимолӣ ва Ӯзбекистони ҷанубӣ низ сохта шудаанд.

---

[53] Массон В.М., 1974.
[54] Массон В.М., 1976, с. 446.
[55] Массон В.М., Сарианиди В.И., 1973.
[56] Дар ҳамон ҷо, с. 121.
[57] Массон В.М., 1967 б; ҳам аз ӯст, 1974.
[58] Сарианиди В.И., 1972; 1973; 1975; 1976.

Дар тамоми давраи мавҷудияти аҳди биринҷӣ Туркманистони ҷанубӣ мутараққитарин ва маданитарин вилояти Осиёи Миёна ба шумор мерафт. Ин вилоят «ба минтақаи паҳноварӣ ҷамоати кишоварзии ибтидоӣ, ки ба тамаддуни шаҳри Шарқи қадим пайваста буд, дохил мешуд. Қабилаҳои Осиёи Миёна, Эрон, Балуҷистон ва Афғонистон, ки дар миёнаи ду маркази бузурги тамаддуни бостонӣ – Ҳиндустон ва Мовароуннаҳр воқеъ гардида буданд, дар пешрафти он роли муҳим бозиданд»[59]. Қабилаҳои ҷануби Туркманистони Осиёи Миёна баробари баҳра бурдан аз таъсири пурбаракати марказҳои шаҳрии хеле тараққикардаи Шарқи қадим ва ҳамчунин тоифаҳои кишоварзии ҳамҷавори Эрон ва Афғонистон дар навбати худ ба онҳо низ таъсири муайяне расонидааст. Дар байни қабилаҳои ҷануби Туркманистон ва дувумин вилояти аҳди биринҷии Осиёи Миёна, ки ба сабаби дохил шуданашон ба қабилаҳои саҳронишини Авруосиё номи «қабилаҳои доираи саҳро»-ро гирифтаанд, робитаи ниҳоятдараҷа наздик ба вуҷуд омада, муттасил инкишоф меёфт ва дар пешрафти иқтисодию маънавии онҳо аҳамияти бағоят калоне дошт. Дар нимаи дувуми ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I пеш аз милод гурӯҳҳои пуршумори қабилаҳои саҳронишин аз шимол ба Туркманистони ҷанубӣ рӯ оварданд.

Ба тавассути экспедитсияҳои С.П.Толстов ва ҳамкорони ӯ аз маҳалҳои назди баҳри Арал бисёр ёдгориҳои аҳди биринҷӣ пайдо шуд. Аксари ин ёдгориҳо ба маданияти Тозабоғёб тааллуқ дорад. Тозабоғёбиҳо дар заминканҳо мезистаанд. Дар миёнаҷои хона оташдони калоне ва ба тӯли девор ӯра сохта шуда буданд. Аҳолӣ ба зироат ва обёрӣ машғул буда, чорводорӣ ҳам дар ҳаёти иқтисодӣ роли калон мебозид. Якчанд қабри одамони онвақта кофта, таҳқиқ карда шуд. Миқдори зиёди зарфҳои сафолии бо нақшҳои ҳаккокии ҳандасӣ ороишёфта дарёфт гардид. Чунонки М.А.Итина исбот намуд, ин зарфҳои сафолӣ аз ҷиҳати ороиш ба сафололоти маданияти Андрони Қазоқистони ғарбӣ ва маданияти кандакории Поволже хеле шабоҳат дорад.

Дар маҳалҳои назди баҳри Арал баробари маданияти Тозабоғёб маданияти дигаре, ки бо номи «Суюрғон» машҳур аст, низ паҳн гардида буд. Ба ақидаи муҳаққиқон, хусусияти ин маданиятро бештар аз рӯйи робитаҳои он бо маданияти қабилаҳои ҷануб, яъне маданияти Анав метавон муайян намуд.

Дар интиҳои аҳди биринҷӣ (охири ҳазораи II пеш аз милод ё худ асрҳои аввали ҳазораи I пеш аз милод) барои намояндагони ашрофи қабила дар резишгоҳи Сирдарё, болои тали Тоғистон мақбараҳои калоне аз хишти хом ва сутунҳои чӯбӣ сохта шудаанд. Онҳо аз берун мудавваршакл (ба қутри то 15 метр) ва аз дарун мураббаъшакл мебошанд. Деворҳои гилии онҳо ниҳоят ғафс буда, эҳтимол меравад, ки аз дарун бо як навъ қолин зинат ҳам медодаанд[60].

Дар охирҳои ҳазораи III ва нимаи аввали ҳазораи II пеш аз милод дар поёноби Зарафшон деҳоти қабилаҳое, ки бостоншиносон «замонбобиҳо» номидаанд, вуҷуд дошт. Замонбобиҳо дар хоначаҳои қамишии бо каҳгил ловидашуда зиндагӣ мекарданд. Онҳо заминҳои ҳангоми обхезӣ шодобшударо

---

[59] Массон В.М., 1964, с. 5

[60] Толстов С.П., 1962, с. 47–88; Итина М.А., 1962; «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с. 233–238.

барои кишт истифода карда, ба зироат ва парвариши чорво, инчунин ба шикор ва моҳидорӣ машғул мешуданд. Олоти меҳнати онҳо аз кӯба, дос ва каланди сангӣ иборат буд. Сафололоти ин маданият, ки ба давраи охири маданияти Калтаманор дохил мешуд, ба андозаи зиёд таҳти таъсири маданияти Анав низ воқеъ гардида буд. Дар ин маҳал пораҳои сафололоти махсуси Анав ва зеварҳои сангӣ ва биринҷии айнан ё қисман ба асбобҳои зинатии Туркманистони ҷанубӣ монанд ёфт шуданд. Шояд замоне фавҷи муҳоҷирони ҷанубитуркистонӣ ба ин ҷо расида, бо авлоди калтаманориҳо зиндагии якҷоя ба сар бурда бошанд. Ҳамчунин тахмин мекунанд, ки ин ҳамрангиро робитаҳои мутақобилаи мадании (на ин ки ирқии) мардуми ин маҳал бо қабилаҳои зироаткори ҷануб ба вуҷуд овардааст.

Дертар (аз миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод) дар воҳаи Зарафшон қабилаҳои аҳди биринҷии саҳроӣ паҳн мегарданд[61].

Қадимтарин ёдгориҳои аҳди биринҷӣ, ки дар Тоҷикистони ҷанубӣ ва марказӣ кашф шудаанд, маснуоти мису биринҷӣ, аз ҷумла табарҳои мисӣ мебошанд. Яке аз ин табарҳо аз деҳаи Ёрии ноҳияи Панҷакент, дигаре аз қишлоқи Шаршари ноҳияи Куйбишев ва севумӣ аз наздикии қишлоқи Арақчини Варзоб ёфт шудааст. Таърихи ҳамаи инҳоро охири ҳазораи III – аввали ҳазораи II пеш аз милод муайян кардаанд[62].

Як силсила ёдгориҳое, ки дар шимол ва ҷануби республика пайдо гардидаанд, давраи тараққиёти аҳди биринҷиро тавсиф менамоянд.

Дар соҳили рости Сирдарё, самти шарқии Ленинобод, дар маҳалли биёбонии Қайроққум даҳҳо маскани давраи тараққӣ ва охирин марҳилаҳои аҳди биринҷӣ дарёфт ва таҳқиқ шудаанд. Аксари ин масканҳо хурд буда, аз 0,1 то 3,0 гектар масоҳат доранд, вале дар байни онҳо масканҳои хеле калон ҳам ҳастанд, ки масоҳати қариб 10 гектарро ишғол намудаанд. Ҳар як маскан аз якчанд нишемангоҳ иборат буд, ки дарозиаш ба 20 метр ва бараш ба 12–15 метр мерасид.

Қайроққумиҳо асосан машғули чорводорӣ будаанд. Аз ин рӯ, дар масканҳо устухони гӯсфанд, буз, гов ва асп ҷамъ шудааст. Ба таври фаровон мавҷуд будани ҳовану ос, ки барои ярма ва орд кардани ғалла хизмат мекарданд, аз ривоҷ доштани зироат гувоҳӣ медиҳанд.

Яке аз машғулиятҳои асосии қайроққумиҳо кори маъдан ва филизгудозӣ буд. Дар масканҳои онон дажғолҳои аз гудозиши биринҷӣ боқӣ монда ва қолибҳои сангӣ барои рехтани метин ва табарҳои биринҷӣ ёфт шуданд.

Сафололоти Қайроққум бо олоти сафолии Тозабоғёб шабоҳат дорад. Қайроққумиҳо барои ороиши зарфҳои сафолӣ қолибҳои махсуси мусаттаҳ ва дандонадорро кор мефармуданд.

Дар худи Қайроққум, инчунин дар қишлоқи Даҳанаи ноҳияи Ашт дафнгоҳҳои одамони аҳди биринҷӣ пайдо гардиданд.

Қабилаҳои қайроққумӣ як қисмати гурӯҳи калони қабилаҳои аҳди биринҷии саҳроиро, ки он вақтҳо баъзе ноҳияҳои водии Фарғона ва Тошкандро ишғол намуда, дар ҳудуди Ҳафтрӯд бо қабилаҳои андронии Қазоқистони ҷанубӣ пайваста буданд, ташкил мекарданд. Маданияти ин

[61] Гулямов Я.Г., Исломов У., Аскаров А., 1956; Аскаров А., 1969.
[62] Литвинский Б.А., 1961.

маҳалро «маданияти Қайроққум» меноманд. Қайроққумиҳо дар шимоли Тоҷикистон ғайр аз худи Қайроққум дар ноҳияи Шаҳристон низ сукунат доштанд. Осори маданияти моддии онҳо аз қабатҳои болоии мағораи Оқтанга ёфт шуд[63].

Дар водии Фарғона баробари маданияти Қайроққум маданияти тамоман дигар вуҷуд дошт, ки бо номи «Чуст» машҳур аст. Соҳибони маданияти Чуст бештар ба зироат машғул буданд. Сохтани олоти сафолии пурнақшунигор ба онҳо низ хос аст.

Дар ҷануби Тоҷикистон (масалан, дар работи марказии совхози ба номи Киров, наздикии шаҳри Қӯрғонтеппа) осори маскани қабилаҳои аҳди биринҷии саҳроӣ пайдо гардид. Дар воҳаҳои поёноби наҳрҳои Қизилсу, Вахш ва Кофарниҳон, ки ба дарёи Панҷ мерезанд, қабристонҳои давраи охири аҳди биринҷӣ, яъне миёна ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод ёфт шуданд. Сокинони боқимондаи онҳо зарфҳои сафолии хеле хуб месохтаанд, ки олоти охирин марҳилаҳои Анавро ба хотир меоранд. Равобити маҳалҳои ҷануб ва ғарбро ҳамчунин аз рӯйи маснуоти биринҷии ин маданият метавон дарк намуд. Дар айни замон маросими дафн, сохти қабр, сӯзондани мурда ва ғайра бештар бо доираи маданияти саҳроӣ алоқа доштани онҳоро нишон медиҳад. Ин маданият аз рӯйи маҳалли воқеъ шудани қабристонҳо ба худ ду ном: «Вашкент» ва «Вахш»-ро гирифтааст, ки муносибати онҳо ҳанӯз равшан нест[64]. Дар масофаи начандон дуртар аз ин ҷо, дар Сурхондарё масканҳои дорои сафололоти охири Анав пайдо карда шуданд. Чунонки маълумот ва мадракҳои аз ҳафриёти Кучуктеппа (таҳқиқи Л.И.Албаум) ва Сафолтеппа (таҳқиқи А.Аскаров) бадастомада гувоҳӣ медиҳанд, дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II пеш аз милод дар вилоятҳои ҷануби шарқии Осиёи Миёна ҷамоатҳое ба вуҷуд меоянд, ки дорои хоҷагии тараққикардаи зироати ибтидоӣ буда, дар масканҳои мустаҳкам ва нишемангоҳҳои муназзаму зебо иқомат мекарданд (дар таги ин қабил хонаҳо мурдаҳоро дафн менамуданд). Ҳунарҳои гуногун ба дараҷаи баланди тараққӣ расида буд.

Ҳафриёти Сафолтеппа[65] хеле ҷолиби диққат аст. Бошишгоҳи Сафолтеппа далолат менамояд, ки дар ҳазораи II то милод дар шимол зироаткории мутараққӣ вуҷуд дошт. Сафолтеппа теппаи начандон калонест, ки қариб 3 гектар вусъат дорад. Гирдогирди хонаҳои иқоматии ин бошишгоҳро се қатор деворҳои мудофиавӣ иҳота карда буданд. Биноҳои бошишгоҳ ҳама бисёрхона буда, чанд бино ба ҳам пайваста мешуд ва байни ин биноҳои пайваста кӯчаву тангкӯчаҳо воқеъ буданд. Тарҳи бошишгоҳ ниҳоят пухта ва аниқу дақиқ буда, аз эҳтимол дур нест, ки тамоми биноҳо аз рӯйи нақшаи пешакӣ баробар сохта шуда буданд. Берун аз бошишгоҳ қабристон нест, зеро мурдагонро бевосита дар таги девори хонаҳо ва ё дар худи даруни хона мегӯрониданд. Баъзан ҷасади мурдагонро андаруни зарфҳо меёбанд. Дар аксари гӯри калонсолон зарфҳои сершумор ва инчунин дигар ашёи филизӣ, сангӣ, чармӣ, чӯбӣ, оина, асбобҳои гуногун, яроқу аслиҳа, ашёи зинату зевар ва ғайра ёфт шуданд.

[63] Литвинский Б.А. ва диг., 1962; шарҳу баёни Glasser G., 1965, p. 323–329.
[64] Литвинский Б.А., 1967 а; Манделштам А.М., 1968.
[65] Аскаров А.А., 1972.

Олоти Сафолтеппа ниҳоят хушсифат буда, олоти сафолии аҳди биринҷии мутараққии Анавро ба хотир меорад.

Ин гуна зарфҳо ба қарибӣ дар ноҳияи Регари Тоҷикистон ёфт шуданд. Дар ин ҷо дахмаи гилии давраи биринҷӣ–Тандирйӯл кашф шуд[66]. Дар ин ҷо зиёда аз 20 қабр ёфт шуд, ки ҳамаи онҳо он қадар чуқур нестанд, баъзеи онҳо лаҳад ҳам доранд. Теппаи гӯрҳо бо тӯдаи сангпораҳо ишорат шудааст. Мурдаро дар гӯр паҳлунокӣ пойҳояшро қат карда мемондаанд. Аз ин гӯрҳо зарфҳои сершумор, шаддаҳои сангию биринҷӣ ёфт шуданд. Аз ду гӯр ҳайкалчаи гилие ба даст омад, ки ҳамто надорад. Яке аз ин ҳайкалчаҳо нисбатан кам зарар дидааст ва баландии он қариб 37 см буда, марди ришдореро тасвир мекунад, ки пойҳояшро дароз карда нишастааст.

Ба ақидаи Б.А.Литвинский, дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II пеш аз милод паҳншавии фаврии ойкуманҳои қабилаҳои Анав ба амал омада, дар маҳалҳои шарқӣ ва ҷануби шарқӣ маскан мекунанд. Дар ҷойҳои нав қисме аз онҳо тарзи зиндагии муқаррарии худро давом медиҳанд ва қисми дигар ба маҳзи созгор афтодани шароити маҳал тадриҷан ба чорводорӣ шуғл варзида, ба зиндагонии ниммуқимӣ рӯ меоваранд (қабристонҳои қадимаи ҷануби Тоҷикистон ана аз ҳаминҳо боқӣ мондаанд). Саҳронишинҳо ба урфу одат ва маданияти моддии онҳо таъсири калоне расонидаанд.

## Сохти ҷамъиятӣ

Масъалаи сохти ҷамъиятии аҳди биринҷӣ мавриди баҳсу мунозираҳои бениҳояти мутахассисон қарор гирифтааст. Роҷеъ ба ин масъала бисёр ақида ва фарзияҳои ба ҳам мухолиф мавҷуданд.

Бештар мулоҳиза ва андешаҳое, ки дар сари таҳқиқи таърихи қабилаҳои маданияти Анав пайдо шудаанд, ҷолиби диққат мебошанд. Ба фикри В.М.Массон, ба вуҷуд омадани хонаҳои бисёрманзила ба пайдоиши ҷамоати сероила алоқаманд аст. Дар ҳудуди ҳазораҳои IV–III пеш аз милод ба оилаҳои падаршоҳӣ табдил ёфтани ҷамоатҳои сероилаи модаршоҳӣ ба вуқӯъ меояд. Ниҳоят, чунонки классикони марксизм-ленинизм таълим медиҳанд, аз сохти модаршоҳӣ ба сохти падаршоҳӣ гузаштан сабабҳои иқтисодӣ дошта, хусусан бо тараққиёти чорводорӣ, ки кори мардон буд, марбут аст. «Тамоми маҳсулоти барзиёде, ки акнун касбу кор медод, ба дасти мард медаромад; зан дар истеъмоли ин маҳсулот иштирок мекард, аммо ба ягон ҳиссаи он соҳиб набуд. «Одами ёбоӣ», ҷанговар ва шикорчӣ, дар хона баъд аз зан мавқеи дувумро ишғол менамуд, чӯпони «ҳалимтар» бо сарвати худ калонгарӣ карда, ба ҷойи якум гузашту занро ба мавқеи дувум фуровард... кори хонагии зан акнун назар ба касбу кори мард аҳамияташро гум кард»[67].

Дар охирҳои аҳди биринҷӣ тафриқаи мулкӣ ва иҷтимоӣ қувват мегирад. Мақбараҳои калоне мисли Тоғистон сохта мешаванд. Ҳаёти шаҳриёнаи ибтидоӣ падид меояд. Оё ин маънии гузаштан ба ҷамъияти синфиро дошт ё на? Ҳоло ба ин суол ҷавоби аниқ ёфтан душвор аст, вале ба ин ки аввалин падидаҳои он маҳз дар ҳамон давр ба зуҳур омада буданд, ҳеҷ шубҳае нест.

---

[66] Литвинский Б.А., Антонова Е.В., Виноградова Н.М., 1976.
[67] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 21, с. 162.

# 4. ТАРКИБИ НАЖОДИИ АҲОЛИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АҲДИ БИРИНҶӢ. МАСЪАЛАИ ОРИЁӢ

## Умумияти ҳиндуэронӣ. Ориёиҳо

Протсессҳои этникие, ки дар Осиёи Миёнаи аҳди биринҷӣ ба амал меомаданд, ҳам барои тараққиёти ояндаи худи ин сарзамин ва ҳам барои таърихи як қатор кишварҳои ҳамсоя, ки аз Ҳиндустон то Аврупои ҷануби шарқӣ масоҳати бузургеро ишғол кардаанд, аҳамияти хеле калон доштанд.

Мавҷуд набудани манбаъҳои хаттӣ ва ҳанӯз ба як маънӣ тавзеҳ наёфтани бозёфтҳои археологӣ боиси ба миён омадани душвориҳо дар таҳқиқи таърихи этникии Осиёи Миёнаи онвақта гардидааст. Бо вуҷуди ин, маълумоти аз оғози давраи таърих дар сарзамини Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамсоя сукунат доштани қавму тоифаҳои мухталиф ва ҳамчунин мадракҳои қиёсии таърихию забоншиносӣ дар баробари таҳқиқ ва ҷамъбасти материалҳои беш аз пеш афзояндаи археологӣ ба баровардани чанде аз хулосаҳои муҳим ва ба ҳақиқат наздик имкон медиҳанд.

Нахустин сарчашмаҳои хаттии санавӣ, ки дар бораи Осиёи Миёна маълумот медиҳанд, дар асрҳои VII–VI пеш аз милод дар ин сарзамин сукунат доштани қавму тоифаҳои эронинажод – суғдиён, бохтариҳо, марғиёниҳо, хоразмиҳо, портҳо, қабилаҳои мухталифи сакоӣ ва ғайраро хотирнишон намудаанд.

Ҳоло дар натиҷаи кофтуков ва бозёфтҳои ҷудогонаи археологӣ ба дасти олимон матнҳои ба чандин забонҳои эронӣ навишташуда расидаанд, ки ин забонҳо дар давраҳои қадим ва аввали асри миёна дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои сарҳадии он паҳн гардида буданд. Инҳо забонҳои бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва хутану сакоӣ[68] буданд, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ дохил мешуданд. Забони портӣ ба гурӯҳи забонҳои ғарбиэронӣ дохил шавад ҳам, вале бештар таҳти таъсири забонҳои шарқиэронӣ қарор гирифта буд, низ аз ҳамин қабил забонҳои қадимии Осиёи Миёна ҳисоб меёфт[69]. Дар нимаи аввали ҳазораи якуми қабл аз милод дар яке аз вилоятҳои Осиёи Миёна ва атрофи он лаҳҷае мустаъмал буд, ки асоси забони китоби муқаддаси оини зардуштӣ – «Авесто» аз он фароҳам омадааст.

Ба гурӯҳи забонҳои эронӣ забони форсӣ (ба се марҳилаи маълуми тараққиёти худ: форсии қадим, форсии миёна ва форсии нав), забонҳои тоҷикӣ, курдӣ, балуҷӣ ва дигар забонҳои ғарбиэронӣ, забонҳои афғонӣ (пашту), осетӣ, помирӣ ва як идда забону лаҳҷаҳои шарқиэронӣ дохил мешаванд. Забонҳои эронӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндӣ ё худ ҳиндуориёӣ[70], ки ғайр аз забону лаҳҷаҳои мустаъмали имрӯза лаҳҷаи ведӣ, санскрит ва палии

---

[68] Осори он дар Туркистони шарқӣ ёфт шудааст; аз забонҳои ҳозираи эронӣ забони вахонӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои помирӣ дохил мешавад, ба забони хутанӣ наздик аст; ниг.: Гертсенберг Л.Г., 1965, с. 31 ва мобаъд; Bailey H.W.1968, p. 157–159.

[69] Доир ба мавқеи забони портӣ дар байни забонҳои эронӣ ва калимаҳои аз забонҳои шарқиэронии Осиёи Миёна ба он дохилшуда ниг: Henning W.B., 1958, s. 92–97.

[70] Истилоҳи «ҳиндуориёӣ» ба маънии ҳамон забонҳои Ҳиндустон аст, ки аз забонҳои ғайриҳиндуаврупоии ин кишвар, аз қабили дравидӣ ва мунда фарқ мекунанд.

дар матнҳои қадима боқимондаро дар бар мегирад, алоқаи хеле наздик доранд.

Ин аст, ки забонҳои эронӣ, якҷоя бо забонҳои ҳиндуориёӣ шохаи ҳиндуэронӣ, ё худ ориёии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил менамоянд. Ба ин ҳамчунин забонҳои славянӣ, германӣ, келтӣ, романӣ, юнонӣ, арманӣ ва як қатор забонҳои дигар низ дохил мешаванд. Қаробати ҳамаи ин забонҳо, ки хусусан дар замонҳои қадим ва қисман имрӯз ҳам дар бисёр бобат мушоҳида мешавад, аз ҷиҳати асли пайдоиши худ ба як оила тааллуқ доштани онҳоро нишон медиҳад.

Олимони ҳозиразамон маҳалли ташаккули ин оилаи забонҳоро ба ин ва ё он ноҳияи минтақаи байни Аврупои Марказӣ ва Балкан дар ғарб ва даштҳои паҳновари Авруосиё дар шарқ нисбат додаанд. Албатта, дар ин маврид сухан аз замонҳои хеле қадим меравад. Баъдтар дар давраи ба худ шакли муайян гирифтани лаҳҷаҳо, ки пешгузаштаи бевоситаи забонҳои «таърихии» ҳиндуаврупоӣ (ба мисли юнонӣ, славянӣ, германӣ ва ғайра) ҳисоб меёбанд, қабилаҳои ба ин лаҳҷаҳо гапзананда дар хиттаи васеъ зиндагонӣ карда, вале бо ҳам робитаи бисёр наздик доштаанд. Тафовути гузаштагони қавму забонҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ аз пешгузаштагони дигар гурӯҳҳои забонҳои «таърихии» ҳиндуаврупоӣ дар он аст, ки онҳо дар марҳилаҳои аввал як гурӯҳи воҳиди забониро ташкил мекарданд[71].

Хешӣ ва қаробати гузаштагони тоифаҳои эронӣ ва ҳиндуориёиро, пеш аз ҳама, наздикии забонҳои онҳо нишон медиҳад. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳои гуногуни эронӣ ва ҳиндуориёӣ, алалхусус забонҳои авестоию форсии қадим, аз як тараф, ва ведию санскрит, аз тарафи дигар, метавонад ба таври равшан далолат кунад, ки забонҳои эронӣ ва ҳиндуориёӣ дар замонҳои қадим ҳам аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати захираи асосии луғавӣ, то чӣ андоза умумият доштаанд. Дарвоқеъ, аз ин забонҳо ба тариқи намуна бисёр калимотеро овардан мумкин аст, ки дар сохт ва маъно тафовуте надошта, фақат бо баъзе хусусиятҳои фонетикии худ фарқ мекунанд. Масалан, об дар забонҳои эронии қадим *ап*, дар ҳиндии қадим ҳам ап; замин, мутобиқан *буми* ва *бҳуми,* бод – *вата* ва *вата*; тан – *тану* ва *тану*; даст – *заста* (ё даста) ва *ҳаста*; калима, овоз – *ваҷаҳ* ва *вачас*; ном – *наман* ва *наман*; либос –вастра ва вастра; падар – питар ва питар; бародар – братар ва бҳаратар; андар – антар; ду – два ва два; чаҳор – чатвар ва чатвар; панҷ – панча ва панча, ҳафт – ҳапта ва сапта; ҳашт – ашта ва ҳашта; даҳ– даса ва даша, дувоздаҳ – двадаса ва двадаша; сад– сата ва шата ва ғайра.

Аксари ин калимаҳо бо баъзе тағйироти фонетикӣ мавҷудияти худро дар забонҳои ҳозираи эронӣ низ давом медиҳанд. Чунончи, дар забони тоҷикӣ калимаҳои *об, бод, тан, даст, ном, падар, бародар, андар, ду, чаҳор, панҷ, ҳафт, сад* ва амсоли инҳо то имрӯз мустаъмал аст.

Мутобиқати устувор ҳамчунин дар грамматика, дар системаи тасриф ба назар мерасад. Масалан, дар эронии қадим калимаи *тану* дар ҳолати фоилӣ (именительный падеж) шакли *тануш, танум, танва* ва ҳоказо. Дар эронии қадим барои тасрифи феъли *бар* (бурдан) чунин шаклҳои замони ҳозираи он вуҷуд дошт: шахси якуми танҳо – *барамӣ*, шахси дувуми танҳо – *бараҳӣ,* шахси

[71] Муқоиса кунед: Иванов В.В. ва Топоров В.Н., 1960, с. 12; Грантовский Э.А., 1970, с. 346, 350.

севуми танҳо – *баратӣ* ва ғайра; дар ҳиндии қадим барои тасрифи ҳамин феъл, яъне *браҳ* мутобиқан чунин шаклҳо мавҷуд буд: *бҳарами, бҳараси, бҳарата* ва ғайра[72].

Чунин далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ аз як мабдаи забонӣ ба вуҷуд омада, асосҳои сохти грамматикӣ ва луғавии худро аз он мерос гирифтаанд. Инро ҳам бояд гуфт, ки забонҳои нави дар ҷараёни тараққиёти мустақил инкишоф ёфтаи эронӣ (ва ҳамчунин ҳиндуориёӣ), чи навъе ки забоншиносон хотирнишон менамоянд, назар ба забонҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ аз якдигар тафовути бештар доранд.

Дар миёни ҳиндуён ва эрониёни қадим аз ҷиҳати дину мазҳаб ва тасаввуроти ҳамосиву асотирӣ низ ҳамрангӣ ва шабоҳати зиёде мавҷуд будааст. Ин наздикӣ ҳатто дар хусусият, вазну оҳанг ва сохти луғавии чанде аз фиқраҳои ба мо расидаи «Авесто» ва «Вед» мушоҳида гардида, умумияти дар забон ва осори динию ҳамосӣ доштаи ин мардумонро нишон медиҳад.

Таҳқиқи қиёсии оинҳои қадими эронӣ ва ведӣ ҳамгунӣ ва монандии тасаввуроти динии аҷдоди халқҳои эронӣ ва ҳиндуориёиро собит намуд. Маълум гардид, ки расму оин ва урфу одатҳои ин мардумон аз қадимулайём бо ҳам хеле наздик ва шабеҳ будаанд. Онҳо дар парастиши оташ, дар таҳияи нӯшобаи муқаддаси *хавма* (ба ҳиндӣ *сома*), дар эътиқод ба сухани ҳакимона ва сеҳромези *мантра* аз якдигар қариб ҳеҷ тафовуте надоштаанд.

Исми бисёр худоҳо ва қаҳрамонҳо, ки эрониёну ҳиндуёни қадим ононро парастида ва дар китобҳои динию ҳамосӣ сутудаанд, дар ҳар ду забон як будааст. Митра аз худоҳои асосии ҳам тоифаҳои қадимаи ведӣ ва ҳам эрониён ҳисоб меёфтааст. Худои боду чанг Вайу ва дигар худои бод Ватаро ҳар ду тоифа баробар мепарастидаанд. Подшоҳ ва қаҳрамони авестоӣ – Йима, писари қаҳрамони меҳрсон Виваҳвонт, бо қаҳрамони ведӣ – Йама, писари Вивасвонт мутобиқати комил дорад.

Мафҳуми «арта» ба маънии «ҳақиқат» ва «адлу инсоф», ки аксари қавоиди муҳимми динӣ ва умуман тасаввуроти васеътари мафкуравиро муайян мекард, барои ҳам эрониён ва ҳам ҳиндувон муштарак будааст. Ин мафҳум бо худо – бо асура Варунаи «Ригведӣ» ва Аҳура Маздои эрониён марбут аст (*асура* мутобиқи *аҳура* аст, ки ҳар ду маънии «соҳиб» ва «ҳукмрон»-ро ифода менамоянд).

Тасаввуроти онҳо дар бораи пайдоиши олам низ бо ҳам хеле наздик аст. Чунончи, дар навиштаҷоти қадимаи ҳиндувон ва эрониён доир ба се муҳити коинот – осмон, фазои байни замину осмон ва замин сухан ронда мешавад. Нишонаҳои ҳар як муҳит ва худоёни мансуб ба онҳо, аз қабили худоёни осмонхудоёни боду бӯрону ҷанг ва худоёни нашву ҳосил дар байни ин тоифаҳо яксон будаанд.

Муҳаққиқони таърихи тамаддуни ҳиндувон ва эрониён аз осори қадимаи динӣ ва адабии онҳо бисёр қиссаҳои ба якдигар монанди асотирӣ ва ҳамосиро кашф намудаанд. Ин навъ мушобиҳатҳоро дар дигар соҳаҳои маданияти маънавии эрониёну ҳиндуориёиҳои қадим низ метавон пайдо кард.

[72] Мисолҳои мутобиқати байни забонҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ аз китоби Оранский И.М., 1960, с.44-48 оварда шуд.

Аз таҳлили қиссаҳои асотирии тоҷик маълум мегардад, ки дар онҳо бисёр падидаҳои тасаввуроти даврони умумияти ҳиндуориёӣ мавҷуданд. Инак, як-ду мисол барои тасдиқи ин иддао. Чунонки М.С.Андреев менависад, асотири Падар – Осмон ва Модар – Замин, «ду волидаи бузург»-и «Ригведа» то ҳол дар тасаввуроти тоҷикон боқӣ мондааст. Аз ҷумла, дар Язғулом осмонро ҳоло ҳам дед – падар, заминро нан– модар меноманд. Ба фаслҳои мардона ва занона ҷудо кардани сол низ бо ҳамин алоқаманд аст. Фаслҳои солро низ бо ҳамин тасаввурот тақсим намудаанд. Чунончи, тирамоҳу зимистонро, ки айёми боришот ва борваршавии замин аст, фаслҳои мардона ва баҳору тобистонро, ки дар ин айём табиат бор меорад, фаслҳои занона донистаанд.

Дар «Ригведа» ҳам Замин ва Осмон ҳамчун Модар ва Падар, ҳамчун ҷуфти ҷудоинопазир тасвир мешавад. Падидаҳои чунин тасаввур ва эътиқодотро метавон дар осори қадимии юнониён ва дигар халқҳои Аврупо низ пайдо намуд. Аз ин рӯ, онҳоро на фақат ҳиндуэронӣ, балки ҳиндуаврупоӣ ҳам донистан мумкин аст. Силсилаи эътиқоди ба бузи кӯҳӣ алоқаманди тоҷикони кӯҳистон қариб бе ҳеҷ тафовут дар байни мардуми дардӣ машҳур аст[73].

Дигар наздикӣ ва шабоҳатҳое, ки умумияти мерос ва анъанаҳоро дар риштаҳои иқтисодиёт ва тарзи зиндагӣ, дар ташкили ҷамъият ва сохти иҷтимоию сиёсӣ нишон медиҳанд, ҳамчунин аҳамияти калоне доранд. Аз маълумот ва мадракҳои қиёсӣ чунин бармеояд, ки тарзи зиндагии аҷдоди тоифаҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ ба ҳам монанд будааст. Онҳо як хел зиндагонии муқимӣ ва ниммуқимиро ба сар бурда, ба зироат ва чорводорӣ машғул будаанд. Бояд қайд кард, ки ҳарчанд чорводорӣ аз ҷиҳати аҳамияти худ мавқеи дараҷаи аввалро ишғол намуда, доштани чорво меъёри асосии сарват ва нашъунамо ҳисоб меёфт, ҳамоно зироат соҳаи доимии хоҷагии ориёиҳои қадим буд[74]. Бисёр калимоти ба забонҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ умумӣ мавҷуданд, ки номи ҳайвоноти хонагӣ, ғалла, олоти чорводорӣ ва, киштукорро ифода менамоянд. Чунончи: *гав* ва *гав* – гов; *аспа* ва *ашва* – асп; *уштра* ва *уштра* – уштур; *қаршӣ* ва *кршӣ* – ҷӯяк ва шудгор; *йава* ва *йава* – ғалладона ва ғайра.

Дар «аҳди ориёӣ» аҷдоди тоифаҳои ҳиндӣ ва эронӣ аз металлургия ба хубӣ огоҳ будаанд. Дар забонҳои эронӣ ва ҳиндӣ як идда номҳои филизот боқӣ мондаанд, ки ба ҳам наздиканд, аз қабили *айах* (эронӣ) ва *айас* (ҳиндӣ) – умуман филиз ё худ мис, биринҷ, дертар оҳан; *зараня* ё *дараня* (эронӣ) ва *хираня* (ҳиндӣ)– тилло; *аршата* (эронӣ) ва *раҷата* (ҳиндӣ) – нуқра ва ғ. Бештарини олоти меҳнат (аз ҷумла, олоти филизӣ (ва аслиҳаҷот) (мисли найза, камон ва ғ.), инчунин калимаҳое, ки онҳоро ифода мекунанд, барои ин ду тоифа яксонанд. Мадракҳое мавҷуданд, ки ҳанӯз дар «аҳди ориёӣ» аз тарафи ҳиндуэрониҳо истифода шудани дучархаҳои ҳарбӣ (бо эронӣ рата ва ба ҳиндӣ ратҳ), ҳамчунин дар байни ин тоифаҳо ба таври васеъ ривоҷ доштани аспparвариро собит менамоянд. Ин тоифаҳо дар созмони ҳарбӣ ва тарзу тариқи бурдани ҷанг ҳам аз якдигар фарқи казоӣ надоштаанд.

[73] Андреев М.С., 1927, с. 77–78; Литвинский Б.А., 1964, с. 147–150. Қиёси эътиқоди оид ба Падар-Осмон ва Модар-Замин ниг.: Schroeder L., 1923, s. 582–583; Gonda J., 1960, s. 95, 99; Campbell L.A., 1968, p. 152, 156-157; Огибенин Б.Л., 1968, с. 13.

[74] Грантовский Э.А., 1967, с. 346–347, 377–378.

Ташкилоти хонаводагӣ, қавмӣ ва қабилавии ҷамъият ба шабоҳати тамоми ҷузъиёти созмонҳои ҷудогона, урфу одат ва истилоҳоти мутобиқи онҳо (масалан, ба эронӣ *вис* ва ба ҳиндӣ *виш* – хонавода, деҳа, ҷамоа ва ғ.) барои ҳиндувон ва эрониён як хел буд. Муқоисаи анъана ва луғатҳои эронӣ ба ҳиндӣ яқинан гувоҳӣ медиҳанд, ки оилаву хонаводаҳои ориёӣ кайҳо дар асоси усули падаршоҳӣ ташаккул ёфта будаанд. Яке аз муҳимтарин гурӯҳҳои ташкилоти ҷамъияти ориёӣ гурӯҳи аз алоқаи хешутаборӣ (аз тарафи мард) ва аслу насаб фароҳамомада мебошад, ки аъзои як қатор оилаҳои ба ин хонадон тааллуқдоштаро муттаҳид намуда, ҳамроҳи дигар ҳамин қабил гурӯҳҳо ба воҳиди бузургтари ҷамъиятӣ– қавм (ё ҷамоа) ва қабила (ё иттиҳодияи ҷамоа) дохил мешуд. Дар эрониён ва ҳиндувони қадим аъзои гурӯҳи ақрабоӣ дорои як хел ҳуқуқ ва вазифаҳои молумулкӣ, мазҳабӣ ва ғ. буда, дар ҳудуди ин гурӯҳ принсипҳои умумии воросат амал мекард ва суннати ягонаи бахшиш ба аъзои болиғи гурӯҳ вуҷуд дошт. Дар Ҳиндустон чунин гурӯҳро *«готра»* (ба ориёӣ *гавтра*) меномиданд; ин истилоҳ дар Эрон низ мустаъмал буд (ба форсии миёна *гӯҳр, гӯҳрак* аз калимаи эронии қадим *гавтра*)[75].

Муносибатҳои иҷтимоӣ ниҳоятдараҷа мураккаб буданд. Гурӯҳҳои аҳолии ноқисулҳуқуқ ва мутеъ вуҷуд доштанд.

Аҳолии озоди комилҳукуқ ба се гурӯҳ тақсим мешуд: коҳинҳо, ашрофи ҳарбӣ ва аҳли соҳибихтиёри ҷамоа, ки аз чорводорону барзгарон иборат буданд. Маълумоти роҷеъ ба чунин тақсимоти иҷтимоиро дар «Ригведа» ва ҳамчунин дар қадимтарин қисматҳои «Авесто» ва осори ҳамосии дигар қавмҳои эронӣ, аз ҷумла скифҳо ва осетинҳо метавон дучор омад. Ягонагии пайдоиши ин тартиботи ҷамъиятии ҳиндӣ ва эрониро мутобиқати комили тасаввуроти идеологие, ки ба ҳамон тақсимоти сегона алоқаманд аст, низ нишон медиҳад. Дар анъанаҳои қадимаи ҳам ҳиндӣ ва ҳам эронӣ ҳар яке аз ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо яке аз табақаҳои коинот (чунончи, коҳинҳо бо осмон, ашрофи ҳарбӣ бо фазои байни замину осмон, яъне муҳити худои ҷанг ва аҳли ҷамоа бо замин ва муҳити нашву ҳосил) марбут гардида, дар айни замон ҳар яке ранги муайянеро (масалан, коҳинҳо ранги сафед, ашрофи ҳарбӣ ранги сурх ва ғайра) ба худ гирифтаанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки номи ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо ранг – ба ҳиндӣ *варна* ва ба эронӣ *пиштра* (ҳар ду ҳам маънии «ранг»-ро дорад) алоқа пайдо кардааст[75a].

Намояндагони ашрофи ҳарбии эронӣ ва ҳиндии аҳди қадим ҳамчун ҷанговарони дучархасавор тавсиф ёфтаанд. Инро номи авестоии ин гурӯҳ *ратайштар* – дучархагӣ, айнан «дар дучарха ростистода» низ собит менамояд. Калимаи ба ҳамин маънӣ мутобиқи ҳиндӣ *ратхештҳа* дар шумори варнҳо барои ифодаи ин гурӯҳ баробари истилоҳи муқаррарии *кшатрийа* истифода мегардид. (Дар навиштаҷоти эронӣ ҳам ба ҳамин маънӣ гоҳо хшатря, хшатра ба кор бурда мешуд). Ин далелу мадракҳо дар баробари нишон додани истифодаи васеи дучархаҳои ҷангӣ (*ратха*, ба эронӣ *рата*) барои баровардани баъзе хулосаҳои умумӣ роҷеъ ба ҷиҳатҳои иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳанд. Худи мавҷудияти дучархаҳои ҷангӣ шоҳиди дар истифода будани

---

75 Периханян А.Г., 1968, с. 28–53.

75a Dumezil G., 1930, p. 109–130; 1958; Benveniste E., 1932, p. 117–134; 1938, p. 629–650; Грантовский Э. А., 1960; 1970, с. 158, 208–209, 348 ва мобаъд; Бонгард-Левин Г.М., Илин Г.Ф., 1969, с. 164–166.

олоти филизӣ ва инкишофи касбу ҳунар буда, ҷанговарони дучархасавори касбӣ, дарвоқеъ, вуҷуд доштани ашрофи ҳарбиро, ки қисман аз меҳнати истеҳсолкунанда озод буда, манбаи даромади ғайримеҳнатӣ доштанд, ба субут мерасонанд[76]. Ин ҳам мавҷуд будани гурӯҳи мутеи аҳолиро бори дигар тасдиқ менамояд.

Дар сари қабилаҳои ориёӣ пешвоён ё худ «подшоҳон»-е меистоданд, ки аз байни ашрофи ҳарбӣ баромада буданд. Барои ишорати онҳо дар навиштаҷоти эронӣ ва ҳиндӣ истилоҳоти мухталиф, аз ҷумла калимаи эронии қадим *хшай* (ки калимаи «шоҳ» аз он баромадааст) ва калимаи ҳиндии қадим *кшай* (ҳукм рондан, ҳукмфармоӣ кардан) ба кор бурда мешуд. Калимаи эронии *хшатра* ва ҳиндии *кшатра* – ҳокимият, ҳукмронӣ, подшоҳӣ низ бо ин алоқа дорад.

Тартиботи ҳокимияти ин қабил пешвоён, баъдтар подшоҳон, мисли баъзе дигар созмонҳои идоравии қабилаҳои ҳиндувон ва эрониёни қадим аз ҷиҳати пайдоиш ба «аҳди ориёӣ» рафта мерасад.

Наздикӣ ва ягонагии аҷдоди қабилаҳои гуногуни эронии қадим аз номи умумии онҳо «орё» низ пайдост[77]. Ин ном чи дар матнҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ ва чи дар сарчашмаҳои дигар ба таври васеъ кор фармуда шудааст. «Эрон»-и имрӯза ҳам аз ҳамин ном, яъне аз шакли қадимаи «Арянам» («Кишвари ориёно») ба вуҷуд омадааст. Калимаи ҳиндии «Аряварта» («Кишвари ориёно») – Ҳиндустони шимолӣ ё як қисми он бо маркази байни наҳрҳои Ҷамна ва Ганга, яъне аз қадимтарин марказҳои ориёиҳои Ҳиндустон); истилоҳи авестоии «Аирянам вайҷаҳ» («Паҳнои ориёно») – диёри афсонавии эрониён; номи як қатор қабила ва гурӯҳҳои қабилавии эронӣ: қабилаи мидии аризонтҳо (айнан «қабилаи ориён»), қабилаи сармати орӣ, иттиҳодияи қабилавии *аллонҳо* (номи аслии осетинҳо дар ҳамосаи қадимаи онҳо, ки аз калимаи эронии орёно аст)[78] ва амсоли инҳо низ ба ҳамин ном нисбат пайдо кардаанд.

Ҳамин тариқа, мадракҳои забони ҳиндӣ ва эронӣ, ки аз як манбаи умумӣ пайдо шудани ин забонҳоро нишон медиҳанд, шабоҳат ва қаробати амиқ дар дину маданият, ташкилоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, хоҷагидорӣ ва тарзи зиндагии тоифаҳои эронӣ ва ҳиндӣ дар саргаҳи таърихи хаттии онҳо ва ниҳоят номи аслии ягонаи ҳар ду тоифа ба умумияти аҷдоди эрониён ва ҳиндувон дар «аҳди ориёӣ» далолат мекунанд. Пас, ваҳдати ҳиндуэронӣ на фақат як ҳодисаи забонӣ, балки ваҳдати воқеии таърихист, ки дар як давраи муайян ва дар як сарзамин мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Дар ин давра ба тавассути тараққиёти хоҷагӣ ва иҷтимоӣ паҳншавии тоифаҳои ориёӣ ба дигар маҳалҳо шурӯъ шуда, боиси ба эрониён ва ҳиндуориёиҳо ҷудо шуда рафтани онҳо гардид.

[76] Муқоиса кунед: Грантовский Э.А., с. 350.

[77] Дар бораи шарҳи маънии аввалаи этимологии ин калима, ки баъдтар ба маънии умумии «наҷиб», «озод» низ истеъмол гардид, ниг.: Thieme P., 1938; Абаев В.И., 1958 a; Mayrhofer M., 1961, s,. 179 ff.

[78] Муқоиса кунед: Абаев В.И., 1958, с. 47.

## Роҳҳои кӯчиши тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва комплексҳои археологии Осиёи Миёна

Тоифаҳои ҳиндуэронӣ то замони аз ҳам ҷудо шудани худ дар куҷо сукунат доштанд, кай ва бо кадомин роҳҳо кӯчидан аз маҳалҳои аслии гузаштагони ин ва ё он тоифаҳои эронӣ ва ҳиндуориёӣ ба амал омад? Донишмандон ба ин суолҳо ҷавобҳои мухталиф додаанд. Доир ба ин масъала дар илм ақидаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд[79]. Вале ақидаи нисбатан маъмул ва ба ҳақиқат наздик он аст, ки аҷдоди тоифаҳои мухталифи ҳиндуэронӣ то замони азҳамҷудошавӣ дар сарзамини Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди он зиндагӣ ба сар бурда, сипас, як гурӯҳи ҳиндуориёӣ аз ин ҷо ба Ҳиндустон кӯчидааст ва гурӯҳи дигар дар Осиёи Пеш маскан гирифта, тақрибан дар миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод осори нутқ ва маданияти худро боқӣ гузоштааст, ҳамчунин тоифаҳои эронӣ, аҷдоди мидиҳо, форсҳо ва ғайра ба самти Эрони ғарбӣ ҳаракат карда, дар он ҷо сукунат ихтиёр намудаанд. Чунин нуқтаи назарро аксари муаррихон ва донишмандони забонҳои эронӣ тарафдорӣ мекунанд[80]. Дар байни бостоншиносони советӣ ҳам ин ақида бартарии комил дорад; онҳо одатан ориёиҳо ва эрониҳоро аҳли маданияти андронӣ ва ё даштии Осиёи Миёнаи аҳди биринҷӣ мешуморанд (А.Н.Бернштам, С.П.Толстов, М.А.Итина, Ю.А.Заднепровский, Е.Е.Кузмина, А.М.Манделштам ва диг.). Мутобиқи дигар нуқтаи назар, аҳолии зироаткори ҷанубу ғарбии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҷавори Эрон ва Афғонистон низ ҳанӯз аз ҳазораи III пеш аз милод ва ё аз нимаи дувуми он ба қавми ориёӣ дохил мешуданд (С.П.Толстов, В.М.Массон, И.М.Дяконов, Ю.В.Ганковский ва диг).

Вале, дар баробари ин, ақидаҳои дигар ҳам мавҷуданд. Масалан, баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки тоифаҳои эронӣ – аҷдоди мидиҳо, форсҳо ва дигар халқҳои ғарбиэронӣ на аз шарқ, яъне аз Осиёи Миёна, балки аз шимол, ба воситаи Кавказ ба сарзамини Эрон ворид гардидаанд (Г.Хюсинг, Ф.Кениг, Р.Гиршман, Э.А.Грантовский). Бар тибқи чунин мулоҳиза, онҳо изҳори ақида менамоянд, ки дар ҳазораи II пеш аз милод тоифаҳои эронӣ ё қисми онҳо дар ҷанубу шарқи Аврупо умр ба сар бурдаанд. Дар ин маврид ҳам муътақиданд, ки қисми дигари тоифаҳои эронӣ он вақтҳо дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсояи шимолии он сукунат дошта, гузаштагони ҳиндуориёиҳо ба Ҳиндустон аз Осиёи Миёна омадаанд.

Аммо чанде аз олимони дигар ақидае доранд, ки гӯё тоифаҳои эронӣ аз тарафи Кавказ ба Эрон омада, сипас, аз ҳамин ҷо ба маҳалҳои ҷануби назди Урал ва дигар вилоятҳои Осиёи Миёна рафтаанд (Ф.Алтхайм, К.Йеттмар).

Гурӯҳи ориёиҳои дар ҳазораи II пеш аз милод ба Осиёи Пеш роҳёфтаро ҳам аксар вақт аз Кавказ «мегузаронанд». Бо вуҷуди ин, ҳамон як ақида, ки дигар тоифаҳои ориёӣ, аҷдоди эрониҳо ва ҳиндуориёиҳо, то замони ба дигар кишварҳо кӯчиданашон, дар Осиёи Миёна ва маҳалҳои ҳамсояи он якҷоя

---

[79] Таърихи масъалаи пайдоиши тоифаҳои эронӣ ва ориёӣ дар китоби Э.А.Грантовский муфассал баён шудааст (1970, боби I, с. 7–66; муқоиса шавад бо ишораҳои муфассали феҳрасти баъзе ақидаҳое, ки поинтар оварда хоҳанд шуд).

[80] Муқоиса кунед бо асарҳои В.Гейгер, Эд. Мейер, В.В. Бартолд, Э.Хертсфельд, А.Кристенсен, Э.Бенвенист, Ҷ.Камерон, И.М.Дяконов, Г.А.Меликишвили, И.М.Оранский, И. Алиев, Р.Фрай ва дигарон.

мезистаанд, ғолибан таъкид меёбад[81]. Дар чунин ҳолат ба Ҳиндустон рафтани аҷдоди ҳиндуориёиҳоро ба нимаи дувум ё асрҳои охири ҳазораи II пеш аз милод нисбат медиҳанд, мутахассисон бошанд, санаи «Ригведа»-ро қарибии асрҳои XII–X пеш аз милод ҳисоб мекунанд[82].

Баъзе муҳаққиқон аз рӯйи ақидаи бо роҳи Кавказ ба Осиёи Пеш рафтани ориёиҳо ба хулосае омадаанд, ки маҳз ҳаминҳо ниёгони ориёиҳои Ҳиндустон мебошанд. Онҳо, пас аз он ки қарибиҳои асри XII пеш аз милод аз вилоятҳои Осиёи Пеш танг карда бароварда шуданд, роҳи Ҳиндустонро пеш гирифтанд[83]. Дар айни замон қазияе пешниҳод мешавад, ки мувофиқи он, маълумот ва мадракҳои археологӣ дар асрҳои охири ҳазораи II пеш аз милод, тақрибан асрҳои XII–X пеш аз милод аз Осиёи Пеш ва моварои Кавказ ба воситаи Эрон ба тарафи Ҳиндустон ҳаракат кардани аҷдоди ориёиҳои ведиро гувоҳӣ медиҳанд.

Боз як нуқтаи назари тамоман фарққунанда ҳаст, ки дар асоси он ба Ҳиндустон сокин шудани тоифаҳои ориёӣ ба замонҳои қадимтарин, яъне ба ҳазораи III пеш аз милод рафта мерасад. Ин ақида бо таърихгузории пешинаи «Ригведа», ки онро ба давраҳои қабл аз ҳазораи II пеш аз милод нисбат додаанд (ва ҳоло ҳам баъзе донишмандони Ҳинд инро қабул доранд), марбут аст. Дарвоқеъ, ин ёдгории қадимаи адабиёти динии ориёӣ дар Ҳиндустон (тақрибан дар ҳудуди Панҷоб ва саргаҳи Ҷамнаву Ганга) ба вуҷуд омадааст. Ба муносибати дар водии Ҳинд ва ноҳияҳои наздики он кашф гардидани маданияти Хараппа – Моҳенҷо-Доро, ки дар нимаи дувуми ҳазораи III ва асрҳои аввали ҳазораи II пеш аз милод вуҷуд доштааст, гумони баъзе олимон боз ҳам қавитар гардид, ки ориёиҳо ҳанӯз дар ҳамон вақтҳо ба Ҳиндустон маскан кардаанд ва ин маданият аз онҳост.[84] Илова бар ин, ҳатто чунин пиндоре ҳам ҳаст, ки гӯё «Ригведа» аз маданияти Хараппа қадимтар бошад[85].

Ҳамин тариқа, чунонки мебинем, дар бораи маҳалҳои аслии иқомати тоифаҳои ориёӣ, дар хусуси замон ва роҳҳои ба дигар кишварҳо кӯчидани онҳо нуқтаи назар ва ақидаҳои хеле гуногун пайдо шудаанд. Вале аз ин чунин барнамеояд, ки барои ҳалли муаммои ориён ягон асоси боварибахш набошад. Баръакс, маълумот ва мадракҳои илмии бадастомада ва натиҷаҳои тадқиқи объективонаи бисёр олимон имкон медиҳад, ки, аз як тараф, баъзе назарияҳои беасоси дар боло тавсифшударо рад кунем ва, аз тарафи дигар, як қатор фикру ақидаҳои комилан эътимодбахшро қабул ва эътироф намоем. Ҳамчунин мадракҳое, ки солҳои охир ба даст омадаанд, аз ҷумла бозёфтҳои тозаи бостоншиносони советӣ дар Осиёи Миёна роҳи баъзе хулоса ва тахминҳои ба ҳақиқат наздиктарро низ мекушоянд.

---

[81] Burrow T., 1955, p. 1–34; Hauschild R:, 1962; ҳамчунин муқоиса кунед: Иванов В.В., Топоров В.П., 1960, с. 10–22.

[82] Ниг. ба асарҳои зикршудаи Т.Барроу, Р.Хаушилд ва дигарон. Р.Хаушилд, аз ҷумла, чунин ақида дорад, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо то ба Ҳиндустон рафтани худ вақти дурударозе дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди Афғонистон якҷоя бо ниёгони як қатор тоифаҳои эронӣ, аз он ҷумла «авестоиҳо» зиндагонӣ кардаанд.

[83] Назар кунед ба якчанд асари П. Кречмер, В. Бранденштайн ва дигарон.

[84] Назар кунед, масалан, ба маҷ: «The Vedic Age». 1950, p. 194 sq., 216 5sq.

[85] Sastri K. N., 1956, p. 142.

Фикри ҳанӯз дар ҳазораи III пеш аз милод сокини Ҳиндустон гардидани ориёиҳо ва фарзияи ба онҳо тааллуқ доштани маданияти Хараппа тамоман асосе надорад. Наздикии бевоситаи забонҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ, умуман ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ тааллуқ доштани гурӯҳи забонҳои ориёӣ, маълумоти роҷеъ ба алоқаҳои дурудароз ва муттасили аҳли ин забонҳо ва як қатор мулоҳизаҳои дигар ҳама гуна тахмину гумонҳои хеле пештар, лоақал дар аввалҳои ҳазораи II пеш аз милод ба Ҳиндустон маскан кардани тоифаҳои эрониро аз байн мебаранд[86]. Он чӣ оид ба маданияти Хараппа бошад, вай зодаи асрҳои XXIV–XXIII пеш аз милод (ё миёнаҳои ҳазораи III пеш аз милод) аст. Ғайр аз ин, чунонки мадракҳои илми бостоншиносӣ собит менамоянд, маданияти Хараппа дар заминаи тараққиёти маданияти маҳаллии қадимтаре, ки дар нимаи аввал ва миёнаҳои ҳазораи III пеш аз милод дар водии Ҳинд ва ноҳияҳои ҳамсояи он ҳукмфармо буд, ба вуҷуд омадааст[87]. Худи ҳамин ҳам далели он аст, ки офаринандагони маданияти Хараппа ба аҳолии пешазориёии Ҳиндустон тааллуқ доранд. Илова бар ин, аз рӯйи мулоҳизаи қонеъкунандаи як идда донишмандони имрӯза, аҳли маданияти Хараппа ба забони гурӯҳи дравидӣ ё ба забони ба он наздик гуфтугӯ мекардаанд. Зоҳиран, аҳолии пешазориёии водии Ҳинд ва навоҳии ҳамсояи он ба ҳамин гурӯҳ дохил мешудаанд. Ин иддаоро таъсири зиёди забони дравидҳо ба забони ориёиҳои Ҳиндустон, ки падидаҳои онро метавон дар «Ригведа» ҳам мушоҳида намуд, инчунин як силсила далелу мадракҳои дигар ба субут мерасонанд[88].

Дар вақти ҳозира халқҳое, ки ба забонҳои гурӯҳи дравидӣ гап мезананд, асосан дар ноҳияҳои ҷанубтари Ҳиндустон зиндагонӣ мекунанд. Дар вилоятҳое, ки дар самти ғарби Ҳинд воқеанд, дар сарзамини кунунии Покистон ва ноҳияҳои ҳамсояи ҷануби Афғонистон ҳоло ҳам қавми брагӯи дравидизабон боқӣ мондааст[89]. Дар қарнҳои гузашта қавмҳои дравидизабони ин маҳалҳо хеле сершумор буданд, вале бо мурури замон тадриҷан бо тоифаву халқҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ омезиш ёфта, бо онҳо як шуда рафтанд.

Бояд хотирнишон кард, ки ба ақидаи як гурӯҳи олимони советӣ, ки хат ва осори қадимаи маданияти Хараппаро бо кумаки техникаи муҳосиба таҳқиқ менамоянд, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада қазоват кардан мумкин аст, ки забони ин навиштаҷот ориёӣ набуда, балки ба забони дравидӣ наздик аст ва, эҳтимол, ба ҳамин гурӯҳи забон (дар марҳилаҳои қадимтари он) тааллуқ дошта бошад[90]. Ин қабил таҳқиқот дар хориҷа ҳам ба амал оварда мешавад ва

[86] Баъзе донишмандони ҳиндуаврупошинос, эроншинос ва ҳиндшинос, аз ҷумла Т. Барроу ва Р.Хаушилд чунин мешуморанд, ки гузаштагони тоифаҳои ҳиндуориёӣ дар Осиёи Миёна ҳамроҳи гузаштагони тоифаҳои эронӣ пас аз соли 2000 қабл аз милод ҳам боз муддати зиёде зистаанд. Поинтар ниг. ба замоне, ки то он вақт мебоист алоқаи бевоситаи аҷдоди ҳиндуориёиҳо ва эрониҳо давом мекард.

[87] Бонгард-Левин Г.М. ва Илин Г.Ф., 1969, с. 88–92; ба адабиёти дар он ҷо номбаршуда назар кунед.

[88] Bloch J., 1934, p. 321–331; Burrow T., p. 373–378; Воробев-Десятовский В.С, 1956, стр. 99–100; Emanau M.B., 1956; Дяконов И.М., 1967, стр. 108–113; Бонгард-Левин Г.М. ва Илин Г.Ф., 1969, с. 105–106 ва дигарон.

[89] Ба ақидаи забоншиносон, аз забони дравидии қадим ҷудо шудани гурӯҳе, ки забони ҳозираи брагӯӣ ба он тааллуқ дорад, на дертар аз ҳазораи IV–III қабл аз милод ба вуқӯъ омадааст (муқ.: Андронов М.С, 1965, с. 13–14).

[90] «Предварительное сообщение», 1965; «Proto-1ndica», 1968.

ҷолиб аст, ки ин муҳаққиқон низ роҷеъ ба забони навиштаҷоти маданияти Хараппа ҳамин як натиҷаро мебароранд[91].

Дар айни ҳол ақидаи аз ориёиҳо баромадани тоифаҳои ҳиндуориёӣ ҳам қобили қабул набуда, маълумот ва мадракҳои оид ба забон ва маданияти тақрибан миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод, ки дар сарчашмаҳои Осиёи Пеш мавҷуданд, ба ин маънӣ далолат намекунанд.

Воқеан ҳам дертар як қатор олимон далелҳои забонӣ ва таърихиеро, ки ба тасдиқи ин иддао оварда мешуданд, рад карда, дар навбати худ исбот намуданд, ки ориёиҳои Осиёи Пеш ҳеҷ гоҳ аҷдоди тоифаҳои ориёии Ҳиндустон набуданд[92]. Ҳамин тариқа, далелҳои археологӣ ҳам, ки гӯё дар асрҳои XII–XI пеш аз милод тоифаҳои ҳиндуориёӣ аз Осиёи Пеш ва моварои Кавказ ҳаракат карда бошанд, беасос баромаданд[93].

Он чӣ оид ба назарияи бо роҳи Кавказ ба Эрон омадани ниёгони мидиҳо, форсҳо ва дигар earониёни ғарбӣ бошад, пас ин нуқтаи назар ҳам бо вуҷуди то имрӯз як қатор тарафдор доштанаш, асоснок дониста намешавад. Ба назари мо, дурусттараш ин аст, ки тоифаҳои эронӣ чи ба Эрон ва чи ба кишварҳои дигар аз Осиёи Миёна рафтаанд. Вале аз эҳтимол дур нест, ки онҳо на фақат бевосита аз Осиёи Миёна, балки ба воситаи Кавказ ҳам гузашта бошанд[94]. Вале дар ин ҳолат бояд ба назар дошт, ки зоҳиран ноҳияҳои Аврупои ҷануби шарқӣ, ки баъзе қабилаҳои ғарбиэронӣ аз он ҷо ба Эрон омадаанд, мебоист давоми бевоситаи маҳалҳои эронинишини шарқӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна бошанд. Чунин тахмин кардан ҳам мумкин аст, ки ин гурӯҳи қабилаҳои ғарбиэронӣ, агар дарвоқеъ, ба воситаи Кавказ гузашта бошанд, қаблан аз тарафи шарқ ба ноҳияҳои шимоли баҳри Каспӣ омада, дар ин ҷо сукунат ихтиёр кардаанд[95]. Ин ҳамон роҳест, ки баъдтар скифҳо ба воситаи он ба сӯйи ғарб ҳаракат намуданд.

Лекин дар ҳар сурат фикру ақидаеро, ки гӯё тоифаҳои эронӣ ба Осиёи Миёна аз Эрон омада бошанд, ҳамчун фикру ақидаи тамоман нодуруст бояд аз эътибор соқит кард. Далелҳои тарафдорони ин ақида, албатта, ягон асосе надоранд[96]. Мадракҳои воқеӣ шаҳодат медиҳанд, ки тоифаҳои эронӣ дар охири ҳазораи II ва ё дар ҳудуди ҳазораи II–I пеш аз милод ба Эрони ғарбӣ ҳиҷрат намуда, дар асрҳои аввали ҳазораи I пеш аз милод ба таври васеъ дар ин сарзамин паҳн гардидаанд[97]. Аммо дар Осиёи Миёна, чунонки мадракҳои таърихию забонӣ ва археологӣ нишон медиҳанд, тоифаҳои эронӣ ба ҳар ҳол аллакай дар нимаи дувуми ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I пеш аз милод сукунат доштанд.

---

91 Parpola A., Roskenniemi S., Parpola S., Aalto P., 1969.

92 Mayrhofer M., 1966.

93 Деопик Д.В., Мерперт Н. Я., 1957; Sanralia N. D., 1963; Грантовский Э.А.,1970, стр. 15, 36, 46 и др.; инчунин ниг.: Дяконов И.М., 1970.

94 Литвинский Б. А., 1967 а, стр. 126–127.

95 Қиёси ин, масалан, ақидаи В. Бранденштайн аст, ки мувофиқи он тоифаҳои ориёӣ ва эронӣ дар замонҳои қадим сокини маҳалҳои шарқтари Урал ва Каспӣ буданд. Бранденштайн шурӯи ҳаракати тоифаҳои ғарбиэрониро, ки, ба қавли ӯ, аз Кавказ ба Эрон убур кардаанд, аз вилоятҳои шимолу шарқии баҳри Каспӣ мансуб медонад.

96 Нигаред ба китоби Э.А.Грантовский (1970, с. 21, 39–41, 52, 166–168).

97 Нигаред низ ҳамон ҷо с. 334 ва баъд.

Аксари халқҳои имрӯзаи эронӣ: форсҳо, афғонҳо, курдҳо, балуҷиҳо ва ғ. дар фалоти Эрон ва сарзаминҳои ҳамсояи шарқӣ ва ғарбии он зиндагонӣ мекунанд. Вале дар ҳазораи II пеш аз милод дар Эрони ғарбӣ халқҳое мезистанд, ки ба гурӯҳҳои дигари нажодӣ ва забонӣ (аломиҳо, лубубиҳо, касситҳо ва ғ.) тааллуқ доштанд. Дар асрҳои аввали ҳазораи I пеш аз милод дар Эрони ғарбӣ, ки ҳодисоти онзамонаи ин сарзамин дар осори хаттӣ тасвир ёфтаанд, ин гурӯҳҳои нажодӣ тадриҷан мавқеи худро ба тоифаҳои эронӣ дода, баъдтар бо онҳо омезиш пайдо карданд[98].

Дар замонҳои қадим маҳалли паҳншавии забонҳо ва тоифаҳои эронӣ назар ба асрҳои миёна ва давраи нав хеле васеътар буд. Вай сарзамини паҳновареро аз Аврупои ҷануби шарқӣ то Туркистони шарқӣ ва аз назди Урал то ҷануби Эрон фаро мегирифт.

Сарчашмаҳои Юнони Қадим аз шарқ ба Аврупои ҷануби шарқӣ, ба маҳалҳои шимоли Кавказ ва баҳри Сиёҳ ҳаракат кардани як гурӯҳ қабилаҳои эронизабонро шаҳодат медиҳанд. Инҳо скифҳои дар асрҳои IX–VIII пеш аз милод омада (ки баъдтар дар ҳудуди асрҳои VIII–VII пеш аз милод як қисми онҳо ба воситаи Кавказ ба Осиёи Пеш гузаштаанд) ва ҳамчунин тоифаҳои сармату алом буданд. Аҷдоди яке аз халқҳои кунунии эронинажод – осетинҳо, ки ҳоло дар Кавказ зиндагӣ мекунанд, маҳз тоифаҳои сарматӣ буданд. Ин тоифаҳо, бар тибқи шаҳодати манбаъҳои хаттӣ ва мадракҳои археологӣ, то замони ба самти ғарб ҳаракат кардани худ дар маҳалҳои шимоли баҳри Каспӣ, баҳри Арал ва моварои Урал иқомат доштанд.

Ҳамин тариқа, далелҳои таърихӣ ва археологӣ ба Аврупои ҷануби шарқӣ аз ноҳияҳои шарқтари Волга ва Урал ҳаракат кардани тоифаҳои эрониро тасдиқ менамоянд. Зимнан тоифаҳои эронӣ дар ин ноҳияҳо қабл аз оғози ҳазораи I пеш аз милод сукунат доштаанд.

Тоифаҳои эронӣ, аз ҷумла, аҷдоди аҳли забони хутану сакой, ки ба тавассути матнҳои боқимонда шуҳрат пайдо намудааст, ба Туркистони шарқӣ фақат аз Осиёи Миёна ва ё ноҳияҳои ҳамҷавори Қазоқистон метавонистанд биёянд. Дар асрҳои III–II пеш аз милод қисмати муҳимми хоки Туркистони шарқиро тоифаҳои эронӣ, аксаран сакоиҳо ишғол карда будаанд. Манбаъҳои хаттии ондавраина роҷеъ ба ин маҳалҳо шаҳодат медиҳанд, ки тоифаҳои номбурда дар ин ҷо то асри III пеш аз милод (бо ҳамроҳии дигар тоифаи ҳиндуаврупой– тахориҳо) иқомат доштаанд ва сипас, аз ҳамин вақт сар карда, ин сарзамин аз тарафи шимолу шарқ мавриди истилои тоифаҳои турку муғул қарор гирифтааст.

Дар асрҳои VII–VI пеш аз милод, чунонки тазаккур ёфт, сартосари Осиёи Миёнаро комилан халқиятҳои эронӣ – бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, гурӯҳҳои сакой ва ғайра ишғол мекарданд. Дар асоси ин халқиятҳо ва, қабл аз ҳама, бохтариҳо ва суғдиҳо дар марҳилаҳои аввали асри миёна халқи тоҷик ташаккул ёфт.

То ҳамин давра тоифаҳои зироаткори эронӣ кайҳо дар маҳалҳои муайян маскан гирифта, вилоятҳои ҳамноми худро, чунончи: бохтариҳо Бохтарро,

---

[98] Таърихи ин протсесс (бо баъзе тафовутҳои таъйини вазни нисбии тоифаҳои эронизабон дар байни аҳолии Эрони ғарбии мансуб ба давраи мазкур) дар монографияҳои зерин мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифтааст: Дяконов И.М., 1956; Алиев И., 1960; Грантовский Э.А., 1970.

суғдиҳо Суғдро, хоразмиҳо Хоразмро, марғиёниҳо Марғиёнро, ориёиҳо Ориёро (ки қад-қади рӯди Ҳарӣ сарзамини кунунии Афғонистонро дар бар гирифта, марказаш Ҳирот буд), портиҳо Портро, ки қисмати шимолии он дар хоки Туркманистони ҷанубӣ ва қисмати ҷанубиаш дар ноҳияҳои сарҳадии Эрон воқеъ гардида буд, ба вуҷуд оварданд. Тараққиёти қабилаҳои бодиянишини эронӣ, аз ҷумла сакоиҳо, чунонки маводҳои археологӣ гувоҳӣ медиҳанд, ҳамчунин ба давраи то асри VI пеш аз милоди таърихи Осиёи Миёна алоқаманд аст.

Матнҳои «Авесто», ки қадимтарин қисматҳои онҳо асрҳои аввалини ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омадаанд, хеле барвақттар аз асрҳои VII–VI пеш аз милод дар Осиёи Миёна иқомат доштани тоифаҳои эрониро тасдиқ менамоянд. Дар ин осори қадима вилоятҳои онвақтаи Осиёи Миёна, инчунин баъзе ноҳияҳои ҳамҳудуди онҳо, аз ҷумла Суғд, Марғиён, Хоразм, Ориё ва ғайра зикр ёфтаанд.

«Авесто» ҳамчунин хотиротеро аз кишвари нимафсонавии Аирйанам ваеҷаҳ («Фарохнои Ориёно»), маҳалли қадимаи сукунати тоифаҳои эронӣ (ё умуман ориёӣ) дар худ маҳфуз доштааст. Як идда донишмандон, аз қабили И.Маркварт, Э.Бенвенист, А.Кристенсен, С.П.Толстов ва дигарон ин кишвари нимафсонавиро Хоразм донистаанд[99]. Аммо дар ин ҷо на Хоразмро, ки дар «Авесто» бо номи худ зикр шудааст, балки сарзамини паҳновари Осиёи Миёна ва вилоятҳои ҳамҳудуди шимолии онро дар назар доштан дурусттар ва ба ҳақиқат наздиктар мебуд. Шарқшиноси машҳури рус К.А.Иностранцев дар вақташ чунин мулоҳизаро ба миён гузошта буд ва ҳоло ҳам баъзе олимони советӣ ин нуқтаи назарро тарафдорӣ менамоянд[100].

Маълумот ва мадракҳои оид ба равобити муттасили забонҳои умуман ориёӣ (ва пас эронӣ) бо забонҳои фину угорӣ, ки дар илм ҷамъ оварда шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳалҳои иқомати тоифаҳои ориёӣ (ва пас эронӣ) масоҳати бузургеро дар шимол то минтақаи бешазори байни Поволже ва Сибири ғарбӣ, яъне то ҷойҳое, ки имкони алоқа бо фину угориҳо мавҷуд бошад, дар бар мегирифт. Ҳамчунин ба робитаи аз давраҳои «тооориёӣ» боқимондаи тоифаҳои ориёӣ ва шеваҳои онҳо бо ҳиндуаврупоиҳои дигар ишорат мешавад. Аз ин чунин бармеояд, ки ҳудуди маҳалҳои иқоматии тоифаҳои ориёӣ дар шимолу ғарб то ба даштҳои Аврупои ҷануби шарқӣ мерасидааст.

Дар баробари ин тахмин кардан мумкин аст, ки тоифаҳои эронӣ ва ё ориёии пешина дар дашту саҳроҳои воқеъ дар ҳудуди шимоли шарқӣ ва шарқии Осиёи Миёна низ маскан доштаанд. Инро мадракҳои оид ба аҳолии ин маҳалҳо дар давраҳои баъдина (аз миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод) ва маълумоти археологии роҷеъ ба аҳди қадимтари ин ҷойҳо низ тасдиқ менамоянд. Тоифаҳои эронӣ дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсояи шимоли он дар асрҳои охири ҳазораи II ва оғози ҳазораи I пеш аз милод иқомат мекардаанд. Чунонки дидем, ин иддао аз тафсири маводҳои сарчашмаҳои хаттӣ ҳам собит мегардад. Аз ин бармеояд, ки ёдгориҳои археологии онвақтаи ин маҳалҳо ба тоифаҳои эронӣ тааллуқ дошта, ба маданияти доираи Андрон

[99] Адабиётро ниг.: Смирнов К.Ф., 1964, с. 191, Грантовский Э.А., 1970 с. 18.
[100] Иностранцев К.А., 1911, с. 316; Смирнов К.Ф., 1964, с. 191.

(ва ё яке аз намудҳои маданияти Андронӣ, Тозабоғёб, Қайроққум ва ғ.) мансубанд. Вале дар миёнаҳои ҳазораи II ва аввалҳои ҳазораи I пеш аз милод маданияти аз рӯйи хусусиятҳои археологӣ ва ҳамчунин аз рӯйи симои антропологии аҳолии аврупоишакл ҳамгун ва ҳамранг дуртар ба тарафи шарқ, аз ҷумла ба Туркистони шарқӣ, ки аз он ҷо ёдгориҳои сафолии навъи Андрониро пайдо кардаанд, низ паҳн гардиданд. Баъдтар, дар ҳазораи I пеш аз милод дар ин ноҳияҳо, аз ҷумла дар Олтой ва Туркистони шарқӣ қабилаҳои скифу сакоӣ маскан гирифтанд. Ғайр аз ин, ба туфайли пайдо шудани навиштаҷоти ҳазораи I милодӣ дар Туркистони шарқӣ ду забони ба ҳам хеши мансуб ба гурӯҳи дигар кашф гардид, ки дар илм бо номи «тахорӣ» машҳур буда, аҳли онро «тахориҳо» меноманд.

Онҳо дар давраҳои пешина ҳатман ҳудуди нисбатан васеътарро, ки қисматҳои ғарбиро ҳам фаро мегирифт, ишғол менамуданд. Дар илм роҷеъ ба пайдоиши тахориҳо дар ин маҳалҳо фикру мулоҳизаҳои мухталиф мавҷуданд[101]. Аммо муҳимтараш ин аст, ки маълумот ва далелҳои забонӣ дар байни тахориҳои қадим ва тоифаҳои шарқиэронӣ вуҷуд доштани робитаҳои муайянеро нишон медиҳанд.

Инак, чунин ба назар мерасад, ки қадимтарин маҳалли иқомат ва маркази асосии паҳншавии тоифаҳои эронӣ Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди шимоли он будаанд. Наздикӣ ва ягонагии пешгузаштагони тоифаҳои эронӣ ва ҳиндуориёиро ба эътибор гирифта, тахмин кардан мумкин аст, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо низ то ба Ҳиндустон кӯчидани худ дар ҳамин маҳалҳо сукунат доштаанд. Мадракҳои археологӣ ва хусусан маводҳои наве, ки аз ҳафриёти Осиёи Миёна ба даст омадаанд, ин қазияро тасдиқ менамоянд.

Чи навъе ки аз назар гузаронидем, дар Осиёи Миёна аз аҳди неолит сар карда, ду ноҳияи аз ҳам хеле фарқкунандаи хоҷагию маданӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар қисмати ҷанубу ғарб, дар Туркманистони ҷанубӣ маданияти зироаткорон ривоҷ ёфта, дар охири ҳазораи III ва асрҳои аввали ҳазораи II пеш аз милод ба авҷи тараққиёти худ расидааст. Ин маданият бо муҳимтарин хусусиятҳои худ бо маданиятҳои Эрон ва ноҳияҳои ҳамҳудуди ҷанубӣ қаробат дорад. Дар қисмати бештари Осиёи Миёна маданияте ҳукмфармост, ки бо маданиятҳои дар ноҳияҳои шимолӣ паҳнгардида шабеҳ ва ҳамранг аст. Ғолибан аҳолии ана ҳамин маҳалҳо ва, қабл аз ҳама, қабилаҳои саҳронишини асри биринҷӣ ба ориёиҳо ва эрониҳо нисбат дода мешаванд.

Ақидаи дигаре ҳам ҳаст, ки дар асоси он, чунонки дар боло тазаккур ёфт, ориёиҳо гӯё ҳамон зироаткорони маҳалҳои ҷануби ғарби Осиёи Миёна мебошанд, ки асари мавҷудияти онҳо то охирҳои ҳазораи III пеш аз милод низ пайдост. Ин нуқтаи назар қисман аз он сар задааст, ки як вақтҳо чи тоифаҳои зироаткори ҷанубу ғарби Осиёи Миёна ва чи қабилаҳои саҳронишин ҳама ориёӣ пиндошта мешуданд. Агар дарвоқеъ ҳамин тавр мебуд, ин чунин маънӣ пайдо мекард, ки гурӯҳҳои мухталифи тоифаҳои ориёӣ дар шароити аз ҳам тамоман фарқкунандаи иқтисодӣ ва маданӣ зистаанд, ки маълумот ва мадракҳои мавҷудаи (ва қисман дар боло тавзеҳёфтаи) таъриху забоншиносӣ

[101] Дар бораи онҳо нигаред: ИТН, 1, с. 127–128; Абаев В. И., 1965, с. 136– 139; Грантовский Э. А., 1970, с. 20, 360.

оид ба ориёиҳо ба ин комилан мухолиф аст[102]. Дар айни замон маълумоти роҷеъ ба симои хоҷагӣ ва иҷтимоию мадании аҷдоди ориёиҳои ҳиндӣ ва эронӣ бо мадракҳои маданияти мардуми саҳронишин ва чорводору зироаткори аҳди биринҷӣ мувофиқати комил пайдо намуда, вале гумон аст, ки бо мадракҳои маданияти зироаткорони ҷануби Туркманистон алоқае дошта бошанд[103].

Инро ҳам ба назар гирифтан зарур аст, ки маданиятҳои Туркманистони ҷанубӣ аз аҳди неолит то аввалҳои аҳди биринҷӣ ба доираи маданиятҳои зироатие, ки дар қисматҳои ҷанубтар, дар Эрон ва ноҳияҳои ҳамсоя – аз Осиёи Пеш то Афғонистону Ҳиндустон паҳн гардидаанд, дохил мешаванд. Ин маданиятҳо аз ҷиҳатҳои хоҷагию иқтисодӣ ва маданӣ бо якдигар наздик ва ё ҳамнавъанд. Илми бостоншиносӣ далелҳои зиёде ҷамъ овардааст, ки дар он замонҳо, алалхусус дар охирҳои энеолит ва аввалҳои биринҷӣ вуҷуд доштани алоқаи наздики байни зироаткорони Туркманистон ва маданиятҳои ҷанубии Эрон ва ноҳияҳои ҳамсояро нишон медиҳанд; роҷеъ ба наздикии маданияти маънавии онҳо низ далелҳо мавҷуданд; тахмин мекунанд, ки дар миёни аҳолии Туркманистони ҷанубӣ ва вилоятҳои ҳамҷавори Эрону Афғонистон ва мардуми муҳоҷири ин маҳалҳо муносибати хешутаборӣ ҳам вуҷуд доштааст[104].

Ба ин тариқа, ҳам аз ҷиҳати умумияти симои хоҷагию маданӣ ва ҳам, эҳтимол, аз ҷиҳати ирқу нажод зироаткорони ҷануби Туркманистони аҳди энеолит ва аввали биринҷӣ бо аҳолии Эрон, Афғонистон ва ноҳияҳои ҳамсоя алоқаманд буданд. Аммо тоифаҳои ориёӣ, зоҳиран, он вақтҳо дар ин кишварҳо буда наметавонистанд. Маълумот ва мадракҳои аниқе ҳастанд, ки дар ин вақт сокини ин сарзаминҳо будани аҳолии нажодан ва забонан дигарро собит менамоянд. Бархилофи ин, маданиятҳои дигар қисмати бузургтари Осиёи Миёна аз ҷиҳатҳои хоҷагию иқтисодӣ ва маданӣ ҳамранг буда, бо маданиятҳои навоҳии шимолӣ, яъне бо маҳалҳое, ки аз рӯйи маълумоти таъриху забоншиносӣ тоифаҳои ҳиндуэронӣ яқинан алоқаманд буданд, робитаи доимӣ доштанд. Инро ҳам ба эътибор гирифтан лозим аст, ки дар аввалҳои аҳди биринҷӣ алоқаи муайяни ниёгони ориёиҳо бо қабилаҳои ҳиндуаврупоии Аврупо бояд ҳанӯз вуҷуд дошта бошанд.

Дар айни ҳол маълумоти бостоншиносӣ оид ба аҳолии маданияти саҳроии аҳди биринҷии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои шимолӣ бо он чӣ, ки мо аз рӯйи материалҳои муқоисавии таърихӣ ва забоншиносӣ медонем, комилан мутобиқанд. Дар байни тоифаҳои саҳронишини аҳди биринҷӣ чорводорӣ хеле тараққӣ карда, онҳо аз корҳои зироат ҳам ба хубӣ хабардор буданд. Ҳамин «навъи хоҷагидорӣ (чорводорию зироаткорӣ бо имтиёзи парвариши чорво ҳамчун аломати рифоҳ ва сарват), чунонки дида шуд, барои ориёиҳо ҳам хос буд. Ҳам тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳам тоифаҳои саҳронишини аҳди биринҷӣ бештар ба асппарварӣ машғул мешуданд ва, аз ҳамин рӯ, аспарварӣ дар чорводории онҳо мавқеи асосиро ишғол менамуд. Дараҷаи тараққиёти иҷтимоии онвақтаи аҳолии саҳронишин низ нисбатан баланд буд. Масалан,

---

[102] Грантовский Э. А., 1970, с. 367.

[103] Ниг. ҳамон ҷо: ба муқобили ба қавмҳои ҳиндуаврупоӣ тааллуқ доштани сокинони аслии ҷануби Туркманистон дар ҳазораи III–II қабл аз милод А.М.Манделштам низ изҳори ақида намудааст: «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы». с.255–256.

[104] Муқоиса кунед, масалан: Массон В.М., 1957 а; худи ӯ, 1964; Хлопин И.Н., 1966, с. 125–128; «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с. 167–169.

бостоншиносон дар асоси материалҳои қабристони он замон муқаррар намуданд, ки ҳанӯз дар ҳамон вақтҳо аҳолии саҳронишин зиндагонии хонаводагии падаршоҳиро ба сар бурда, дар байни онҳо нобаробарии молумулкӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада будааст[105]. Айнан ҳамин ҷиҳатҳо ба ҷамъияти ориёиҳо низ хос аст. Дар боло аз хусуси дараҷаи баланди тараққиёти металлургияи тоифаҳои ҳиндуэронӣ ҳанӯз дар аҳди ориёӣ сухан рафта буд. Инро аз мадракҳои археологии мансуб ба маданиятҳои саҳроии аҳди биринҷӣ ҳам метавон бори дигар мушоҳида намуд[106]. Чунончи, мадракҳои аз ҳафриёти Қайроққум (воқеъ дар шимоли республика) бадастовардаи бостоншиносони Тоҷикистон, ки ба таври васеъ ба роҳ гузошта шудани истеҳсоли маҳаллии маснуоти металлургиро нишон медиҳанд, дар ин бобат хеле ҷолиби диққатанд[107].

Маълумоти таъриху забоншиносие, ки дар давраи тараққиёти ниҳоят васеи металлургия ва истифодаи олоти филизӣ ҳанӯз ҳам якҷоя зистани аҷдоди ориёиҳои ҳиндӣ ва эрониро тасдиқ менамоянд, ҳамчунин барои муайян кардани замони иқомати якҷояи ниёгони тоифаҳои гуногуни ҳиндуэронӣ аҳамият доранд. Дар заминаи материалҳои археологии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсояи шимолии он ин ҳолат асос медиҳад, чунин тахмин кунем, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо дар ҳудуди ватани қадимаи худ, ҳадди ақал, то асрҳои аввал ё худ, ҳатто то миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод ҳамроҳи ниёгони тоифаҳои эронӣ зиндагӣ ба сар бурдаанд. Оғози аз Осиёи Миёна ба тарафи ҷануб ҳаракат кардани тоифаҳои ориёӣ тақрибан ба ҳамин вақтҳо рост меояд.

Зироаткорони ҷануби Туркманистони асри энеолит ва аввалҳои аҳди биринҷӣ, зоҳиран, ориёӣ буда наметавонистанд. Маданиятҳои шаҳристонӣ ва шаҳрии Эрони шимоли шарқӣ (Ҳисори III ва ғ.), Афғонистони ҷанубӣ (Мундиғоки IV), водии Ҳинд бо ёдгориҳои давраи Моҳенҷо - Доро - Хараппа ва ғайра бо ҳамон сабабҳо ва якчанд сабабҳои дигар мисли маданияти ҷанубу ғарби Осиёи Миёна, балки аз он ҳам зиёдатар наметавонанд ориёӣ маҳсуб ёбанд.

Бо вуҷуди ин, илми бостоншиносӣ дар ҳамаи ин маҳалҳо рӯй додани тағйироти ҷиддии таърихиро дар чаҳоряки дувуми ҳазораи II пеш аз милод қайд менамояд. Марказҳои пешина, деҳкада ва шаҳрҳои тамом бесоҳиб ва беодам монда, ба харобазор табдил меёбанд. Дар бисёр ҷойҳо ба куллӣ дигаргун шудани сафололот ва аз байн рафтани дастгоҳи қадимаи кулолӣ ба назар мерасад. Ин ҳолатро бештар бо паҳншавии қабилаҳои нав ва, аз рӯйи баъзе пиндорҳо, маҳз тоифаҳои аз Осиёи Миёна ҳаракаткарда ва нажодан ориёӣ (ё ҳиндуаврупоӣ) вобаста менамоянд[108].

Дуруст аст, ки бо вуҷуди имконпазирии чунин ҳаракат, ҳанӯз мо далелҳои бевоситаи ба он ишоракунанда дар даст надорем. Метавон фарз кард, ки

---

105 Муқоиса кунед: «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с. 228–230; инчунин нигаред: Грантовский Э.А., 1970, с. 359.

106 Муқоиса кунед:.Stagul G., 1969. p. 56–57, 87.

107 Литвинский Б. А. ва дигарон, 1962, с. 170–231.

108 Stagul G., 1969, p. 56–57, 86.

тағйироти номбурда мумкин аст бо сабабҳои дохилӣ ҳам рӯй дода[109], барои вуруди тоифаҳои ориёӣ ба ин маҳалҳо заминаи мусоид фароҳам оварда бошад.

Ҳамон ақидаи хеле паҳншуда, ки гӯё маданияти Хараппа дар натиҷаи ба водии Ҳинд сар даровардани тоифаҳои ориёӣ аз по афтода бошад, ба назар ҳатмӣ намерасад. Маълумоти мавҷуда дигар шарҳу тафсири аз ин ҳам ба эҳтимол наздиктарро, яъне пас аз чандин асри таназзули маданияти Хараппа ба водии Ҳинд омадани тоифаҳои ориёиро ба миён мегузорад[110].

Вале қатъи назар аз ин мухолифатҳо, ҳамон ҳолати воқеӣ, ки дар сарзамини Эрони шарқӣ, Туркманистони ҷанубӣ, Афғонистон ва Ҳиндустони ғарбӣ тағйироти номбурда дар таърихи маданиятҳои хеле пештар равнақдоштаи ин ҷойҳо тақрибан то асрҳои XVIII–XVII пеш аз милод ҳанӯз ба амал наомада буд[111], барои чунин тахмин кардан имкон медиҳад, ки то ҳамин вақт ҳаракати пуравҷи тоифаҳои ориёӣ ба ин маҳалҳо шурӯъ нагардида буд.

Мадракҳои аниқтаре, ки дар бораи кӯчиши ин тоифаҳо маълумоти нисбатан саҳеҳ медиҳанд, барои миёна ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод мавҷуданд. Маводҳои фаровон ва мухталифи ба он вақтҳо алоқаманд, ки дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносон ба даст омадаанд, ин давраро ҳамчун давраи ҳаракати пурвусъати қабилавӣ дар тамоми сарзамини Осиёи Миёна тавсиф менамоянд. Тоифаҳои саҳронишин ба ҳудуди минтақаи зироатии Туркманистони ҷанубӣ наздик мешаванд ва сипас, зоҳиран, ба он дохил шуда, масканҳои худро ба вуҷуд меоваранд. Ҳоло мадракҳое мавҷуданд, ки то ҳудуди воҳаҳои қадимаи зироаткории ҷануби Туркманистон паҳн гардидани аҳолии саҳронишинро собит мекунанд, дар ин ҷойҳо сағонаҳои худи тоифаҳои саҳронишин, ки бештар ба ноҳияҳои шимол хосанд, ёфт шудаанд[112].

Айнан дар ҳамон вақт ҳаракати тоифаҳои ориёӣ ба ҷониби Афғонистон ва Ҳиндустон воқеъ мегардад. Дар ин бобат ҳафриёти сағонаҳои қадима дар Тоҷикистони ҷанубӣ дар водии дарёҳои Қизилсу, Вахш ва Кофарниҳон аҳамияти махсусе дорад. Маводҳои ин ҳафриёт шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ба аҳолии аз ҷиҳати маданияти моддӣ ба тамаддуни Намозгоҳи VI ва бо хусусияти маросими дафн ба қабилаҳои доираи саҳро хеле монанд тааллуқ доранд. Симои антропологии соҳибони ин сағонаҳо ононро бо мардуми

---

109 Дар хусуси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда нисбат ба маданияти деҳоти Туркманистони ҷанубӣ ниг.: «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с. 177; нисбат ба маданияти шаҳрҳои водии Ҳинди замони Моҳенҷо-Доро–Хараппа ниг.: Бонгард-Левин Г.М. ва Илин Г.Ф., 1969, с. 113–115.

110 Бонгард-Левин Г.М., 1962; Бонгард-Левин Г.М. ва Илин Г.Ф., 1969, с. 125–128 (ниг.: ба феҳристи мукаммали ин асарҳо роҷеъ ба масъалаҳои мавриди баҳс додашуда); тахминан чунин санаҳои ба Ҳиндустон омадани ориёиҳо пешниҳод шудаанд: асрҳои XIV–XIII қабл аз милод ё худ боз ҳам васеътар – нимаи дувуми ҳазораи II қабл аз милод.

111 Аз рӯйи санагузории ҳамин ҳоло ба эҳтимол наздиктар маҷмӯи иморати Намозгоҳи V-ро дар ҷануби Туркманистон ба ҳудуди ҳазораи III–II ва сеяки аввалии ҳазораи II қабл аз милод нисбат медиҳанд (ниг.: «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с.151, 169); таърихи яке аз марказҳои асосии шимолу шарқи Эрони он замон – Ҳисор тақрибан то асрҳои XIX-XVIII қабл аз милод давом кардааст (ниг.: Dyson R.H., 1965, p. 240-242); шаҳрҳои маданияти Хараппаи водии Ҳинд тахминан то асрҳои XVIII–XVII/XV1 қабл аз милод мавҷудияти худро нигоҳ доштаанд (ниг.: Бонгард-Левин Г.М., 1962; Бонгард-Левин Г.М. ва Илин Г.Ф., 1969, с. 94-96, 114, 125-126).

112 «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы», с. 240–243.

вилоятҳои ҷанубӣ – аҳли маданияти сафололоти нақшунигорин наздик менамояд. Пайдоиши ин тоифаҳо ҳоло комилан муқаррар нагардидааст, дар роҳи муайян кардани усули пайдоиш ва маданияти онҳо кӯшишҳои гуногун ба амал омада ва фикру мулоҳизаҳои мухталиф баён ёфтаанд. Муҳаққиқон дар асоси тадқиқи маросими дафн ва якчанд хусусияти сағонаҳо чунин фикреро пеш гузоштанд, ки ин сағонаҳо ба тоифаҳои ориёӣ алоқа дошта, дар ин ҷо амали дафн ва баъзе дигар русумоти хоси ориёиҳои ведӣ ва ҳамчунин тоифаҳои шарқиэронӣ инъикоси худро пайдо намудааст[113].

Бозёфтҳои бостонии Тоҷикистони ҷанубӣ боз аз он сабаб ҳам диққати мутахассисонро бештар ба худ ҷалб менамоянд, ки бостоншиносони покистонию итолиёӣ дар вилояти Сват, воқеъ дар шимолу ғарби Покистони кунунӣ, ҳамин гуна сағонаҳои аз ҷиҳати сохт ва тариқи дафн ба онҳо наздикро кашф карданд. Санаи як гурӯҳи қадимтари ин сағонаҳо тақрибан ба нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод рафта мерасад[114].

Ҳамин тариқа, аз як тараф, барои ҳиндуориёӣ ҳисоб кардани тоифаҳои асри энеолит ва аввалҳои аҳди биринҷии Осиёи Миёна ҳеҷ як асосе нест, аммо, аз тарафи дигар, эҳтимоли қавӣ меравад, ки ҳиндуориёиҳо маҳз тоифаҳои саҳронишини (ва дар қисмати шимолу ғарби онҳо воқеъгардидаи) Осиёи Миёнаи нима ва охири аҳди биринҷӣ будаанд. Ба назари мо, фарзияи И. М. Дяконов оид ба протсесси паҳншавии забонҳои ҳиндуэронӣ дар байни тоифаҳои зироаткори анавии Осиёи Миёна дар охирин марҳилаҳои тараққиёти онҳо, ки бо таъсири алоқаҳои гуногун ба саҳронишинон сурат гирифтааст, ба ҳақиқат наздик менамояд. Дар ҷараёни ин алоқаҳо умумиятҳои нажодие, ки бо номи ҳиндуэронӣ машҳуранд ва инчунин маданияти онҳо ба вуҷуд меоянд. Ин фарзия, ки онро дигар муҳаққиқон (масалан, Б.А.Литвинский) ҳам тақвият додаанд, маводҳои бадастомадаи археологиро беҳтар аз ҳама тавзеҳ менамояд. Дар айни замон, ин фарзия як қатор ҷиҳатҳои суст ва ноқис ҳам дорад. Фақат ҷамъ оварда шудани далелу мадракҳои нав ба ҳалли қатъӣ ва ҳамаҷонибаи ин масъала имкон хоҳад дод.

Дар баробари ин, мадракҳои зикршуда метавонанд ба ҳаракати тоифаҳои Осиёи Миёна дар миёнаҳо ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод ба тарафи ҷануб, аз ҷумла ба сарзамини Ҳиндустон шаҳодат диҳанд.

Албатта, ба тарафи ҷануб паҳн шудани тоифаҳои Осиёи Миёна баъдтар, ҳангоми дар Ҳиндустон қарор гирифтани аҷдоди ҳиндуориёиҳо ҳам давом кардааст.

Бостоншиносон чунин мепиндоранд, ки дар офаридани маҷмӯи маданияти Туркманистони ҷанубӣ, ки дар давраҳои пас аз Намозгоҳи VI вуҷуд дошт, тоифаҳои саҳронишини дар ин ҷойҳо паҳншуда ва ё ин маҳалҳоро дар оғози давраи мазкур (яъне тахминан дар ҳудуди ҳазораҳои II ва I пеш аз милод ё худ дар ибтидои ҳазораи I пеш аз милод) «забткарда» роли калоне бозидаанд[115].

Дар шарқтари Осиёи Миёна, дар Помир ҳам нақши ба самти ҷануб равонашавии тоифаҳое, ки аз байни аҳолии саҳронишин баромада, зоҳиран, ба ин ҷо бештар аз ноҳияҳои Фарғона ва вилоятҳои ҳамсояи он омадаанд,

---

[113] Дар ҳамон ҷо, с.243-259; Манделштам А.М., 1968; Литвинский Б.Л. 1967, а, с. 121-127.
[114] Литвинский Б. А., 1967 а, с. 122; Dani A. H., 1967; Stagul G., 1969.
[115] Кузмина Е. Е., 1964.

мушоҳида мешавад. Аз ин насаб тоифаҳо дар Помир ҳанӯз дар аҳди биринҷӣ, дар охирҳои ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I пеш аз милод пайдо шудаанд. Аз асри VII пеш аз милод дар асоси материалҳои археологии Помир роҷеъ ба тоифаҳои гурӯҳи скифу сакоӣ сухани муайян гуфтан мумкин аст. Маълумоти археологӣ ҳамчунин то ҳудуди Ҳиндустон ҳаракат кардани онҳоро ба таври муътамад собит менамояд[116].

Ин хулосаҳо бевосита ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва далелҳои таърихию забоншиносӣ, қатъи назар аз мадракҳои археологие, ки дар асрҳои VII-VI пеш аз милод ба навоҳии ҷануби Помир то наздикиҳои ҳудуди Ҳиндустон (қисман дар хоки он) ва маҳалҳои шарқии Афғонистон рафта ҷойгир шудани тоифаҳои эронии мансуб ба гурӯҳҳои сакоӣ ва ё ба онҳо наздик, аз он ҷумла, зоҳиран, аҷдоди афғонҳо ва мунҷонҳои имрӯзаро нишон медиҳанд, тасдиқ мегарданд[117].

Ҳеҷ ҷойи шубҳа нест, ки ин тоифаҳои гурӯҳи шарқиэронӣ аз шимол, аз сарзамини Осиёи Миёна баромада, ба сӯйи кишварҳои ҷануб ҳаракат кардаанд.

Инак, чунонки дидем, ҳам маълумоти археологӣ ва ҳам далелҳои таърихию забоншиносӣ аз Осиёи Миёна ба тарафҳои ҷануб, ба Ҳиндустон, Афғонистон ва зоҳиран, ба Эрон нуфуз кардани гурӯҳҳои мухталифи ориёӣ (аввалҳо аксаран ҳиндуориёӣ, баъдтар эронӣ)-ро исбот менамоянд.

Ҳамаи ин бори дигар тасдиқ мекунад, ки Осиёи Миёна бо ноҳияҳои ҳамҷавори худ қадимтарин маҳалли иқомати тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва маркази асосии паҳншавии онҳо будааст. Ҳамон тоифаҳои эроние, ки дар Осиёи Миёна мондаанд, ниёгони аҳолии аслии Осиёи Миёна аз оғози аҳди таърих то аввалҳои асри миёна ҳисоб меёбанд.

Баъдҳо бар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, бохтариҳо, суғдиён ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ, халқи тоҷик ба вуҷуд омад.

---

[116] Литвинский Б. А., 1960 а; 1969.

[117] Грантовский Э. А., 1963 а; Литвинский Б. А., 1967 а, с. 127-133.

# БОБИ ДУВУМ

# ТОИФАҲОИ ШАРҚИЭРОНИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ОҒОЗИ ПАЙДОИШИ ҶАМЪИЯТИ СИНФИИ ИБТИДОӢ (АСРИ IX – МИЁНАҲОИ АСРИ VI ПЕШ АЗ МИЛОД)

## 1. МАТЕРИАЛҲОИ АРХЕОЛОГИИ АСРИ АВВАЛИ ОҲАН

### Металлургияи оҳан

Материалҳои археологӣ бо қиёси баъзе мадракҳои забонӣ ва ҳамчунин сарчашмаҳои хаттии қадим, ки ба давраҳои баъдтар тааллуқ доранд, манзараи ҳаёти ҷамъиятии Осиёи Миёнаи охири ҳазораи II – ибтидои ҳазораи I пеш аз милодро равшан месозанд.

Дар ибтидои ҳазораи I пеш аз милод сокинони Осиёи Миёна аз маъдан истеҳсол кардани оҳанро ёд гирифта буданд. Ф.Энгелс аҳамияти оҳанро дар таърихи ҷамъияти инсонӣ муайян намуда, навиштааст: «Оҳан аз тамоми ашёи хоме, ки дар таърих роли револютсионӣ бозидааст, охирин ва муҳимтарин, то худи пайдо шудани картошка навтарин навъи ашёи хом буда, ба одам хизмат мекардагӣ шуд. Оҳан барои дар майдонҳои васеъ ривоҷ додани зироат ва ба мақсади киштукор тоза кардани бешаҳои паҳновар имконият фароҳам овард; вай ба дасти ҳунарманд чунон асбоби сахт ва тезе дод, ки ҳеҷ як санг ва ҳеҷ як металли то он замон маълум ба вай муқобил истода наметавонист. Ҳамаи инҳо якбора муяссар нашудаанд; аввалин оҳани ҳосилкардашуда бисёр вақтҳо аз биринҷӣ ҳам мулоимтар буд»[1].

Шиносоӣ бо усули аз маъдан истеҳсол намудани биринҷӣ ба инсон дар бобати бо протсесси металлургӣ ба даст овардани оҳан ёрӣ расонд. Оҳан дар кӯраҳои дошӣ, ки ҳарорати он то 1300–1400° мерасид, гудохта мешуд. М.С. Андреев дар солҳои бистуми асри XX ҳамин гуна кӯраҳоро, ки ҳанӯз мавриди истифода буданд, дар водии Ванҷ пайдо карда буд[2].

Барои инсони ибтидоӣ ба моддаи сахти ёзанда мубаддал гардидани як порча санги бешакл, яъне маъдан муъҷизаосо ва пурасрор менамуд. Ин боиси пайдоиши эҳтироми махсус нисбат ба оҳангару филизсозон ва ҳар гуна биму ҳароси хурофотпарастона гардид. Дар миёни бисёр халқҳо ин навъ муносибат то вақтҳои охир давом карда омадааст. Чунончи, аз ҷумла дар баъзе ноҳияҳои Помир оҳангарон одами хеле муҳтарам ва корхонаи онҳо ҷойи муқаддас дониста мешуд, мардум ба онҳо саҷда мекарданд ва пас аз ҷамъоварии ҳосил

[1] К.Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 21, с. 163.
[2] Андреев М. С, 1926, с. 8-16.

дар оҳангархона маросими қурбонӣ барпо мегардид. Дар баробари ин аз рӯйи дигар эътиқодҳои динӣ оҳангарон фиристодаҳои шайтон ва иблис ҳисоб меёфтанд ва дар истифодаи оҳан мамониатҳои гуногун гузошта мешуданд, ки ин асари ҳамон тарсу ваҳми хурофии одамон аз филизот буд[3].

Олоти оҳанӣ хеле оҳиста паҳн мегардид. Аввалҳо оҳанро асосан ба мақсади зебу зинат кор мефармуданд. Сонӣ тадриҷан аз он асбобу аслиҳа месохтагӣ шуданд. Оҳанро ба моддаи ёзанда табдил дода, ба ин васила асбобу олот тайёр кардан аз сохтани олоти биринҷӣ дида чандин мартаба душвортар буд. Техникаи нав ба сустӣ азхуд карда мешуд. Аз ин рӯ, бартариҳои филизи нав зуд ва якбора аён нагардид. Дар аввалин марҳилаҳои зуҳури асри оҳан дар Осиёи Миёна бештар асбобу аслиҳаи оҳану биринҷӣ, чунончи, ханҷарҳои теғааш оҳаниву дастааш (қисман ё тамоман) биринҷӣ сохта мешуданд.

Дар Осиёи Миёна ғалабаи асри оҳан хеле барвақт ба амал омад. Баъзе кишварҳои дигар, масалан, Хитой дар ин бобат аз Осиёи Миёна чандин садсолаҳо ақиб монда буданд.

## Масканҳо

Ёдгориҳои асри аввали оҳан дар Осиёи Миёна назар ба ёдгориҳои пешини асрҳои санг ва биринҷӣ ниҳоятдараҷа кам кашф ва таҳқиқ гардидаанд.

Дар ҷануби Туркманистон баъзе масканҳои қадима, ки ҳаёти онҳо ҳанӯз аз аҳди энеолит шурӯъ гардида буд, мавҷудияти худро дар асри оҳан низ давом медоданд. Чунончи, дар худи Анав қабатҳои маскуни мансуб ба асри аввали оҳан кашф гардида, аз ин маснуоти оҳанӣ, аз ҷумла қадимтарин дар Осиёи Миёна досҳои оҳанӣ, порaи корд ва ғайра ёфт шудаанд[4].

Дар қисмати ҷанубу ғарби Туркманистон, дар он ҷое, ки фалоти Машҳади Мисриён воқеъ аст, масканҳои истеҳкомӣ ва беистеҳкоми маданияти дигаргунаи аз Анав фарқкунанда вуҷуд доштаанд. Баъзе аз онҳо ниҳоят калонанд, масалан, масоҳати маскани Иззатқулӣ ба 50 гектар мерасад. Хонаҳо аз хиштҳои хеле калони дарозиаш 3/4-метра сохта шудаанд.

Водии Машҳади Мисриён ба воситаи каналҳо аз дарёи Атрек шодоб мегардид. Зироат дар зиндагонии аҳли масканҳо мавқеи муҳиммеро ишғол мекард. Ба ин на фақат шабакаи обёрӣ, балки фаровонии осҳо ва дастгоҳҳои ярма низ шаҳодат медиҳанд. Ба кор фармуда шудани досҳои оҳанӣ набояд шубҳа кард, вале, дар баробари ин, истифодаи досҳои қадимаи сангӣ ҳам, ки теғаи аз санги чақмоқ сохташудаи онҳо пайдо гардидаанд, ҳанӯз давом дошт.

Дар масканҳо лӯндаҳои дажғоли оҳан ёфт шудаанд. Аз биринҷӣ яроқу аслиҳа, аз ҷумла шамшер ва пайкон сохта, бо чархи кулолӣ олоти сафолии хушсифат, вале бенақшу нигор тайёр мекардаанд[5].

Ниҳоят, гурӯҳи (аз ҷиҳати ҳудуд) севуми ёдгориҳо дар Туркманистони ҷануби шарқӣ, дар резишгоҳи Мурғоб, яъне дар Марғиёни охир кашф гардидааст. Калонтарин маскани ин ҷо Ёзтеппа мебошад, ки ба масофаи 34 км дуртар дар тарафи шимоли ғарбии Байрамалӣ воқеъ аст. Ин маскан иборат аз

[3] Зарубин И. И., 1926, с. 126–127.
[4] Schmidt H., 1908, p. 156–157.
[5] Массон В. М., 156 а; «Средняя Азия в эпоху камня и бронзы». М.–Л., 1966, с. 179–182.

қалъаи тақрибан ростгӯшае буда, дар саҳни он манзилҳо ҷой гирифтаанд. Масоҳати умумии Ёзтеппа дар ин вақт (вай баъдҳо низ вуҷуд дошт) 16 гектар будааст. Дар қалъа рӯйи суфаи хиштии баландиаш ҳаштметра бинои калоне сохта шуда буд, ки чанд манзили дарозрӯя ва мураббаъшакл, аз ҷумла толори бузурги ростгӯшае дошт. Маълум гардид, ки ин қалъа аслан кӯшки пуршукӯҳе буда, ҳамчун қароргоҳи ҳокими ин маҳал хизмат мекардааст.

Қисмати асосии бозёфтҳои маскани Ёзтеппаро сафололот ташкил менамояд. Олоти сафолии ин ҷо аз олоти сафолии Машҳади Мисриён бо он фарқ мекунад, ки вай бештар дастӣ сохта шудааст[6].

Асри аввали оҳан дар Тоҷикистони ҷанубӣ ва Ӯзбекистони ҷанубӣ осори худро дар сурати масканҳои Кучуктеппа (вилояти Сурхондарё), Макони Мор (ноҳияи Фархори ҷанубии Тоҷикистон) ва баъзе бозёфтҳои дигар боқӣ гузоштааст.

Маскани Кучуктеппа дар дашти Музробод воқеъ гардидааст. Вай ҳанӯз дар айни авҷи тараққиёти аҳди биринҷӣ ба вуҷуд омада, мавҷудияти худро то худи миёнаи ҳазораи I пеш аз милод нигоҳ доштааст. Дар давраи мавриди баҳс дар ин маскан бинои байзашакли аз хиштҳои дарозрӯя сохташудае мавҷуд будааст (дар солҳои 1962–1964 ҳамагӣ 17 хона кофта тоза карда шуд). Ин бино бо девори мудофиавии мудаввар иҳота гардидааст. Аз ин ҷо қолабҳои рехтагарӣ, маснуоти биринҷӣ ва сангӣ, аз ҷумла досҳои сангӣ пайдо шуданд[7].

Бостоншиносони тоҷик дигар маскани онвақтаро дар поёноби Қизилсу, дар мавзеи Макони Мор кашф намуданд. Биноҳои ин маскан хароб гардида, фақат сафолоти фаровон ва инчунин баъзе маснуоти дигари марбут ба он замон боқӣ мондааст.

Маснуоти ҷудогона ва маҷмӯи асбобу олоти асри аввали оҳан аз дигар ноҳияҳои республика низ ёфт шудаанд. Аз ҷумла, охирин маҷмӯи бозёфтҳои Қайроққум, баъзе сағонаҳои дар Помири шарқӣ пайдошударо ҳам ба ҳамон давра нисбат додан мумкин аст[8].

## 2. ҶАМЪИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ АВВАЛИ ОҲАН

### «Авесто» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ

«Авесто», ки аз маҷмӯи матнҳои пайравони оини зардуштӣ иборат аст, муҳимтарин маъхази оид ба таърихи қадимтарини Осиёи Миёна мебошад. Ҳоло ғайр аз теъдоди андаке дар Эрон, зиёда аз 100 ҳазор зардуштиён дар Ҳиндустон зиндагӣ менамоянд, ки онҳоро одатан «порсиён» меноманд. Порсиён на танҳо дини қадима, балки матнҳои қадимии диниро маҳфуз медоранд.

Дар миёнаҳои асри XVIII Анкетил Дюперрони франсавӣ, ки нисбат ба омӯзиши дину мазҳабҳои қадим шавқу рағбати махсусе дошт, ба Ҳиндустон

[6] Массон В. М., 1959.
[7] Албаум Л. И., 1965, с. 59–60.
[8] ИТН, 1, с. 167–168.

сафар намуд. Ӯ назди мӯбадони порсӣ маросими динӣ ва хондани матнҳои қадимиро (ба дараҷае ки мӯбадон балад буданд) омӯхт ва якчанд дастхатро харида гирифт. Ба ватан баргашта, баъдан ӯ тарҷумаи франсавии «Авесто»-ро бо мулҳақоти чанде аз матнҳои марбут ба он интишор дод[9]. Ба воситаи ин корнамоии илмии ӯ маълумот дар бораи «Авесто» дастраси аҳли илми Аврупо гардид. Вале тарҷумаи Дюперрон хеле ноқис буд. Аксари порчаҳоро ӯ нодуруст фаҳмида ва ё комилан нафаҳмида буд.

Дар асри XIX ба сабаби инкишофи забоншиносии муқоисавӣ наздикии забони «Авесто» бо забонҳои қадимии хуб омӯхташуда ва аз рӯйи бисёр ёдгориҳо маълуми ҳиндӣ-ведоӣ (бо ин забон «Ригведа» ва ёдгориҳои қадими дигари Ҳинд навишта шудаанд) ва санскрит исбот гардид. Ҳамчунин пайдо шудани мифтоҳи дувумин забони машҳури эронии қадим – форсии қадим, мутолиа ва баррасии минбаъдаи адабиёти зардуштии пасазавестоӣ ва истифодаи васеи маълумотҳои забоншиносии муқоисавии ҳиндуаврупоиро қайд кардан зарур аст. Омӯзиши забонҳои эронии миёна, аз он ҷумла забонҳои мурда (хоразмӣ, суғдӣ, хутану сакоӣ) ва зиндаи (забонҳои помирӣ) эронии шарқӣ низ аҳамияти бисёр калон дошт. Ҳамаи ин кори тарҷумаи илмии «Авесто»-ро нисбатан осон намуд[10]. Вале ба ин нигоҳ накарда, тарҷумаи «Авесто» ҳанӯз мушкилоти зиёде дорад ва муътабартарин мутахассисон ҳам баъзе ҷойҳои муҳимми «Авесто»-ро ба таври мухталиф тарҷума мекунанд[11].

Муддатҳои зиёде «Авесто» мисли дигар ёдгориҳои динӣ ва ҳамосии ҳиндӣ ва эронӣ ба таври шифоҳӣ, ки ягона шакли дақиқан маҳфуз мондан буд (ғайр аз баъзе тағйироти муайяне дар талаффуз), нақл карда мешуд. Ин тарзи нақл ва хониш боз муддати дурударозе, пас аз сабти хаттии «Авесто» ҳам, дар иҷрои ниёиш, таълим ва ғайра, инчунин дар маҳфуз мондани матни анъанавии он аҳамияти умда дошт.

То ба вуҷуд овардани алифбои авестоии ҳозиразамон (яъне алифбое, ки дастхатҳои то замони мо расидаи «Авесто» китобат шудаанд) матнҳои авестоие вуҷуд доштанд, ки бо алифбои дар асрҳои VI–V пеш аз милод дар Эрону Осиёи Миёна мустаъмали оромӣ таълиф ёфта буданд. Тибқи навиштаҷоти зардуштии давраи форсии миёна, ки доир ба бисёр масъалаҳои таърихи пешини зардуштия маълумоти дақиқе надошт, дар замони Ҳахоманишиҳо маҷмӯи китобҳои «Авесто» мавҷуд буда, ҳангоми забти Искандари Мақдунӣ аз байн бурда шуд, баъдтар шоҳи ашконӣ – Валахш (яъне Вологес, одатан, ӯро бо Вологеси I, ки дар асри I милодӣ ҳукмфармоӣ кардааст, айни як кас мешуморанд) фармон дод, ки бақияи матнҳои авестоӣ ва он чӣ ба таври шифоҳӣ байни мӯбадон монда буд, ҷамъ оварда шавад[12]. Олимони имрӯза чунин маълумотро, яъне аслан вуҷуд доштани «Авесто»-и замони Ҳахоманишиёнро беасос мешуморанд ва баъзеҳо, ҳатто ба мавҷудияти матни

---

[9] Anquetil du Perron, 1771.

[10] Оранский И. М., 1960.

[11] Дар ин бобат махсусан муқоисаи тавзеҳи «Авесто», ки ба Х.Нюберг ва Э.Хертсфелд тааллуқ дорад, қобили ибрат аст: онҳо дар бисёр масъалаҳо нуқтаи назари ба якдигар тамоман муқобилро пеш меронанд (Nyberg H.S., 1938; Herzfeld E., 1947. Таҳлили мубоҳисавии ақидаҳои онҳо дар Henning W.B., 1951).

[12] Сипас, мувофиқи ҳамон навиштаҷот, матнҳои парокандаи авестоӣ дар аҳди Ардашери I ва Шопури I дар як ҷо ҷамъ карда шуданд (Widengren G., 1965,s. 246–247).

ашконии «Авесто» ҳам шубҳа доранд. Вале, зоҳиран «Авесто»-и хаттӣ дар нимаи дувуми давраи Порт (Парфия) ва яқинан дар оғози давраи сосонӣ вуҷуд дошт. Дар асоси баъзе мадракҳои асноди портҳо, ки аз Насо ёфт шудааст, И.М.Дяконов ва В.А.Лившитс тахмин доранд, ки дар шарқи давлати Порт дар асри I пеш аз милод матни хаттии «Авесто», ҳеҷ набошад, қисмати ҷудогонаи он, мавҷуд буд[13].

Баъдтар «Авесто» бо алифбое, ки махсус барои навишти он ихтироъ шуда буд, китобат гардид. Ин алифбо дар заминаи хатти паҳлавӣ (яъне ҳуруфи китобҳои зардуштии форсии миёна), ки инкишофи яке аз намудҳои хатти оромиасос ҳисоб меёбад, ба вуҷуд омадааст. Вале алифбои авестоӣ хеле зиёдтар (бештар аз ду баробар) ҳуруф, аз ҷумла, 14 ҳарфи садонок дорад. Ин алифбои бо тамоми ҷузъиёташ коркардашуда имкон медод, ки матнҳои «Авесто» бо нигоҳ доштани тарзи талаффузи анъанавии гӯяндагони он аз давраи пайдоиши ин ёдгорӣ хеле дақиқ ва саҳеҳ сабт гардад; ба замми ин чунин сабт бо як қатор хусусиятҳо (бештар марбут ба хусусиятҳои қадимаи лаҳҷавӣ) симои забони эронии қадимаро, ки ҳангоми пайдоиши матнҳои авестоӣ мустаъмал буд, пурра ва комилан инъикос менамояд.

Алифбои авестоӣ зоҳиран дар асри VI, аниқтараш дар замони Хусрави I (531 – 579) ба вуҷуд оварда шудааст[14]. Матнҳои бозмондаи «Авесто», ки қадимтарини онҳо ба асрҳои XIII ва XIV тааллуқ доранд, ба ҳамин китобати давраи охири сосонӣ мансуб мебошанд.

Китобати «Авесто» ба алифбои то замони мо расидааш аслан дар асоси нақли лафзии он сурат ёфтааст. Худи номи «Авесто» аз калимаи форсии миёнаи apastāk, баъдан aβastāv – ба маънии «асос» (ва ё мувофиқи тафсироти дигар «гузориш», «дастур», «ниёиш» ва ғ.)[15] аст, ки бевосита ба матни маҳфузмондаи «Авесто» нисбат дорад[16]. Замимаҳои он «Занд» (калимаи форсии миёнаи zand «дониш», «таълимот») номида мешуданд. Зоҳиран, матни хаттии «Авесто» (дар сабти алифбои куҳна ва шояд дар давраҳои аввали китобати нав) ва ҳамчунин дигар иловаву тафсирҳои дастури авестоиро низ «Занд» мегуфтанд. Вале баъдтар номи «Занд» бештар ба тарҷума ва тафсири дар замони Сосониён анҷомгирифтаи «Авесто» (ҳамаи дастхатҳои қадимии «Авесто» дорои тарҷумаи таҳтуллафзӣ ба забони форсии миёна мебошанд) нисбат дода мешуд.

---

13 Дяконов И М., Лившитс В.А., 1966, с. 153–157.

14 Аз рӯйи нуқтаи назари дар асарҳои Г.Юнкер ва баъзе дигар олимон ифодашуда алифбои авестоӣ гӯё дар асри IV ташаккул ёфтааст. Вале, чунонки ҳанӯз дар асри гузашта эроншиноси маъруфи рус акад. К.Залеман ва сипас, В.Ҳеннинг, Г.Моргенстьерне, Г.Бейли собит намудаанд, алифбои авестоӣ на пештар аз асри VI ба вуҷуд омадааст (Henning B., 1958, 52; ниг.: инчунин Периханян А.Г., 1966, с.108–109; ҳамон ҷо ниг.: феҳристи муфассали асарҳо).

15 Henning W. B., 1946, p. 725; ИТН, I, с. 175.

16 Ба таври васеъ дар байни зардуштиён паҳн гардидани нақли лафзии матнҳои муқаддас боиси он шуд, ки то давраҳои аввали асрҳои миёна қавмҳои ғайризардуштии муосири онҳо аксар вақт гумон мекарданд, пайравони зардуштия умуман китобҳои муқаддас надоранд. Сабаби аз замони истилои арабҳо дар кишварҳои исломӣ баръакси исавиён ва яҳудиён «аҳли китоби муқаддас» ҳисоб нашудани зардуштиён, ки ба вазъи расмии онон дар олами ислом нақши худро гузоштааст, эҳтимол, дар ҳамин бошад. Адабиёти зардуштӣ низ мавқеи анъанаи нақли лафзӣ, аз ҷумла, аҳамияти дар ҳифзи қоидаҳои муқаддаси «Авесто» доштаи онро бевосита таъкид менамояд (Widengren G., 1965, 245-259).

Аз ҳамин ҷост, ки муддатҳои зиёде дар илми Аврупо номи нодурусти «Авесто» – «Занд-Авесто» ва номи забони авестоӣ дар шакли «забони зандӣ» ривоҷ дошт.

«Авесто» дар зарфи мавҷудияти чандинасраи худ борҳо кодификатсия шудааст. Чунонки сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ҷамъоварӣ ва танзими қавонини «Авесто» дар замони Вологеси I Ашконӣ (зоҳиран, асри I милодӣ), Сосониёни аввалия (асри III), Шопури II (асри IV), ки таҳрири пураҳамияти китоби муқаддас зери роҳбарии Атурпати Меҳроспандом анҷом ёфт ва ниҳоят, пас аз ҳаракати маздакиён, дар аҳди Хусрави I (асри VI), ки аз «Авесто» баъзе матнҳои дар асрҳои IV – V вуҷуддошта партофта шуданд, ба вуқӯъ пайвастааст.

Пас аз ин таҳрири охирин «Авесто» аз 21 китоб (наск) иборат буд, ки ном ва мазмуни мухтасари онҳо аз рӯйи асари оид ба дини зардуштӣ дар асри IX таълифкардаи Денкарт маълум аст (ин хулоса на аз рӯйи матни авестоӣ, балки аз рӯйи тарҷумаи форсии миёнаи «Авесто» аст)[17]. «Авесто»-и то замони мо расида чаҳоряк қисмати китобати давраи охири сосониро ташкил медиҳад. Ин, пеш аз ҳама, фаслҳоеро дар бар мегирад, ки барои тоату ибодат заруранд; ҷузъҳои мавҷудаи «Авесто», китобҳои «Ясно» ва ғайра низ мувофиқи ҳамин мақсад тартиб ёфтаанд. Аз ин китобҳо танҳо «Видевдат» комилан ба яке аз китобҳои «Авесто»-и қадим мутобиқат мекунад.

«Авесто»-и имрӯза аз китобҳои «Ясно» – «назр», «ниёз», маҷмӯи матнҳои маросимӣ; «Яштҳо» («Яшт»– «ниёиш», «ситоиш»), сурудҳо дар васфи худоёни дини зардуштӣ; «Видевдат» – «қонун ба муқобили девон» (шакли баъдинаи нодурусташ «Вандидод»), дастурҳо дар бораи покизагӣ ҳангоми тоату ибодат (як қатор муқарраротӣ динӣ ва шаръӣ, порчаҳои асотири қадим, ҳамосӣ ва ғайраро дар бар мегирад); «Виспрат» – «ҳама родҳо» (номи баъдинаи каме носаҳеҳи он «Виспарад»), аз маҷмӯи дуо ва матнҳои ибодатӣ иборат аст. Ғайр аз ин, ба «Авесто» якчанд қисматҳои ҳаҷман хурд ва камаҳамият дохил мешаванд[18].

Аз 72 боби «Ясно» 17-тоашро «Готҳо» («Сурудҳо»-и пайғамбар Зардушт – асосгузори зардуштия), 7-бобро «Ясна ҳаптаҳатӣ» («Ясной Ҳафтбоба»), ки аз ҷиҳати забон ва замони офариниш ба «Готҳо» наздик аст, ташкил менамоянд. Лаҳҷаи «Готҳо» ва «Ясной Ҳафтбоба» нисбат ба ҷузъи дигари «Авесто», ки «Хурд-Авесто» ном гирифтааст, куҳнатар мебошад ва аз он бо хусусиятҳои лаҳҷавӣ фарқ мекунад.

Баъзе муҳаққиқон (П.Тедеско, А.Мейе) забони авестоиро ба забонҳои эронии ғарбӣ нисбат додаанд, дигарон (мисли Х.Нюберг) онро аз гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ меҳисобанд. Ақидаҳои дигаре низ мавҷуданд, ки мувофиқи онҳо ин забон дар байни забонҳои эронӣ мавқеи алоҳида (К.Гоффман) ва ё дар байни гурӯҳи забонҳои ғарбӣ ва шарқӣ мавқеи васатӣ дорад (В.Ҳеннинг). Як қатор хусусияти алоҳидаи забони авестоӣ, аз ҷумла, лаҳҷаи «Готҳо» бо

---

[17] West E. W., 1892.

[18] Тарҷумаи «Авесто» ё қисмҳои он ба забонҳои русӣ ва аврупоӣ мавҷуд аст: Коссович К., 1861; Бертелс Е.Э., 1924, с. 3-11; Брагинский И.С, 1956, с. 35-37; 46-49-70, 105-116, 182-187 ва ғ.; Бертелс Е.Э., 1960, с. 53-66; Абаев В.И., 1963, с. 349-350, с. 367-370; Darmesteter J., 1892–1893; Wolff F., 1910; Lommel H., 1927; Gershevitch I., 1959; Humbach H., 1959; Duchesne-Guillemin J., 1963 ва ғ.

забонҳои шарқиэронӣ мувофиқат мекунанд. Дар «Хурд-Авесто» таъсири забонҳои эронӣ (аз он ҷумла, забонҳои ғарбӣ) дар минтақае, ки забони авестоӣ ҳамчун забони муқаддас интишор ёфта буд, ҳис карда мешавад.

Масъалаи замон ва макони пайдоиши ҷузъҳои «Авесто» то имрӯз аз бисёр ҷиҳат баҳснок аст. Мувофиқи анъанаи дини зардуштӣ, ки дар замони Сосониён тасдиқ ёфтааст, замони зиндагии Зардушт ва офарида шудани «Готҳо»-ро ба охири асри VII – нимаи аввали асри VI пеш аз милод нисбат медиҳанд. Ин ақидаро муҳаққиқоне тарафдоранд, ки анъанаи мазкурро комилан асоснок мешуморанд. Вале баъзе олимон ба саҳеҳии он шак доранд; онон қайд мекунанд, ки ин анъана дар давраи баъдтар тасдиқ ёфтааст ва эҳтимолан пайдоиши он ҷанбаи ривоятӣ дорад. Дар замони ҳозира, ба ҳар ҳол, бо мушкилӣ метавон ба эътимоднокии ин таърих бовар намуд, гарчанде имкон дорад, ки, дар ҳақиқат, Зардушт дар охири асри VII – оғози асри VI пеш аз милод зистааст.

Мувофиқи ривоятҳои маъмули давраи сосонӣ ва баъдина, Зардушт дар Атропатена (Озарбойҷон) ва ё аз Роғи мидӣ (Райи асримиёнагии наздики Теҳрон) баромадааст. Вале ин маълумот ҳоло беэътимод шумурда шудааст; ҳақиқатан ҳам материалҳои «Хурд-Авесто» ба мавҷудияту ҳокимияти деринаи ҷамоаи пайравони Зардушт дар Роғ ишорат мекунанд; ин ҳолат, бешубҳа, аз он сабаб рӯй додааст, ки ноҳияи мазкур, ки дар қисмати шимоли шарқии Мод (Мидия) ҷой дошт, нахустин ноҳияе буд, ки таълимоти Зардушт аз шарқ ба он роҳ ёфт.

Ривояти хеле қадима мавҷуд буд, ки тибқи он Зардушт гӯё дар Бохтар зистааст. Ин ривоят дар асари муаллифи юнонӣ Ктесий (охири асри V – оғози асри IV пеш аз милод) ифода ёфтааст[19]. Ба ин ривоят пайравӣ намуда, баъзе олимон (аз қабили Ҷ.Мултон) гумон кардаанд, ки «Готҳо» дар Бохтар офарида шудаанд, ҳамчунин забони онҳоро дар давраи қадим авестоӣ ҳисобидаанд (дар асри XIX В. Гейгер ва дигарон ҳамин гуна ақида доштанд). Вале баъзе маълумотҳо ин ақидаро тасдиқ намекунанд, ёдгориҳои ба наздикӣ кашфгардидаи забони Бохтари давраи кушонӣ бошад, онро аз эҳтимол дур месозанд.

Ж.Дармстетер, В.Ҷексон ва баъзе дигар олимон, баъдтар дар солҳои 30–40 асри XX Э.Хертсфелд ва муаллифони дигар, ки Зардуштро ҳамзамони Ҳахоманишиёни нахустин, аз ҷумла, Дорои I шумoридаанд, фаъолияти ӯро ба шимоли ғарби Эрон нисбат медиҳанд. Вале, мувофиқи ақидаи маъмули замони ҳозира, «Готҳо» то ба миён омадани давлати ҳахоманишӣ тартиб ёфтаанд ва аз сӯйи пайдоиши худ ба Эрони ғарбӣ муносибат надоранд.

[19] Пянков И. В.. 1968.



**Саҳифае аз дастнависи «Авесто»**

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони ҳозиразамон, пеш аз ҳама, ба маълумоти географии худи «Авесто» истинод мекунанд, «Готҳо» ва қисматҳое, ки ба он аз ҷиҳати замон наздикӣ доранд, дар яке аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва ё минтақаҳои муҷовири шимоли ғарби Афғонистон ва шимоли шарқи Эрон офарида шудаанд. Дар ин бобат ақидаҳои мухталиф баён карда мешаванд. Масалан, баъзеҳо ба ноҳияи ҷараёнгоҳи миёна ва поёноби дарёи Аму ва ё аслан ба Хоразм ишора мекунанд (С.П.Толстов ва диг.); дар ин маврид нуқтаи назари қабулнамудаи И.Маркварт, Э.Бенвенист ва олимони дигар, ки мамлакати асотирии Аирйанам Ваеҷаҳ «Фарохнои Ориёно» – ватани эрониён ва дини зардуштиро бо Хоразм айният медиҳанд, ба асос гирифта мешавад; ба ғайр аз ин ба ноҳияҳои байни дарёи Аму ва дарёи Сир, яъне ба Суғд ва ё ноҳияҳои ҳамсояи он (Х.Нюберг) ба сарҳадҳои скифу сакоиҳои осиёимиёнагӣ (В.И.Абаев) ва ноҳияҳои соҳили баҳри Арал ва поёноби дарёи Сир (Г.Виденгрен); ба Марв, Суғд ва Хоразм (Ж.Дюшен-Гюйимен) ва ғайра ишоратҳо кардаанд.

Нуқтаи назаре (дар корҳои В.Ҳеннинг, К.Барр, И.Гершевич, Р.Сеннер ва дигарон) ба таври васеъ паҳн гардидааст, ки мувофиқи он «Готҳо» дар ҳудуди конфедератсияи давлати Хоразм, ки пеш аз забткориҳои Ҳахоманишиён мавҷуд буд, офарида шудаанд (дар ин маврид ба санаи анъанавии Зардушт, ки дар боло ба он ишора рафт, пайравӣ мешавад). Ба ин мавзеъ ноҳияҳои қисмати ҷануби Хоразм низ дохил мегарданд ва махсусан Марғиёну Ориё ҳамчун макони офарида шудани «Готҳо» шинохта мешаванд (В.Ҳеннинг ва диг.; академик В.В.Струве аз рӯйи асосҳои дигар ба Марғиён ҳамчун ватани дини зардуштӣ назар менамуд); ба қавли В.Ҳеннинг, матнҳои авестоии баъдина имкон дорад дар Систон эҷод гардидаанд[20]. Вале қатъи назар аз ин ки оё чунин конфедератсияе бо сарварии Хоразм вуҷуд дошт (маълумоти муаллифони қадим ба ин суол ҷавоби мусбат медиҳанд), далелҳои муайяне оид ба муносибати Зардушт ба он мавҷуд нестанд.

Ба замми ин, муҳаққиқоне, ки ба «санаи анъанавии Зардушт» пайравӣ намуданро зарур намешуморанд ва ё аслан онро эътимоднок намедонанд, одатан офариниши «Готҳо»-ро ба замони басе қадимтар, яъне замони пеш аз ҳуҷуми Ҳахоманишиҳо ба Осиёи Миёна нисбат медиҳанд. Масалан, И.М.Дяконов[21] дараҷаи инкишофи ҷамъияти тасвирнамудаи «Готҳо»-ро ба назар гирифта, гумон менамояд, ки онҳо бояд пештар аз асри VI ва то нимаи дувуми асри VII пеш аз милод эҷод шуда бошанд. Эд Мейер ва баъзе донишмандони дигар дар вақти худ, ҳатто имкони ба қарибиҳои соли 1000-ум ва ё ибтидои ҳазораи I пеш аз милод нисбат доданро ҳам изҳор карда буданд. Ва муаллифи яке аз охирин асарҳои бузурге оид ба дину мазҳабҳои эронӣ – Г.Виденгрен менависад, ки бо камоли боварӣ метавон замони зиндагии Зардуштро ба давраи байни солҳои 1000–600 пеш аз милод, ҳеҷ набошад, ба давраи пеш аз пайдоиши давлати ҳахоманишӣ нисбат дод[22].

Ба ақидаи чанде олимон (аз он ҷумла, И.М.Дяконов, Г.Виденгрен ва диг.) «Авесто»-и аввала то миёнаи асри VI пеш аз милод дар шарқи Мидия, дар Роғ пазируфта шуд, аз он ҷо таълимоти он дар шакли тағйирёфта бошад ҳам, дар

---

20 Henning W. B., 1951, p. 44-45.

21 Дяконов И.М.. 1956, с. 390 ва мобаъд.

22 Widengren G., 1965, s. 61.

Эрони ғарбӣ паҳн гардид. Муҳаққиқони дигар интишори ғояҳои «Готҳо»-ро ба ғарб, ба замони Ҳахоманишиҳои нахустин (замони Куруш ба қавли В.Хинтс, замони Дорои I ба қавли В.Ҳеннинг, И.Гершевич ва ғ.) нисбат медиҳанд.

Ба ҳамин тариқ, ба хулосае бояд омад, ки замони фаъолияти Зардушт ва офариниши «Готҳо» пештар аз охири асри VII – аввали асри VI пеш аз милод мансуб аст, вале маҳз ба ҳамин замон ва ё як-ду аср пештар муносибат доштани онҳоро мо яқинан гуфта наметавонем. Доир ба макони пайдоиши «Готҳо», гарчанде ҳоло ягон ноҳияи муайянеро бо боварии қатъӣ ном бурдан мумкин нест, бо вуҷуди ин, метавон тасдиқ кард, ки он дар минтақаи Осиёи Миёна ва ё ноҳияи ҳамсарҳади он воқеъ буд. Дар ин бора ҳудуди географии худи «Авесто» ва маҷмӯи мамолики дар он номбаршуда шоҳиди муътамаде шуда метавонанд.

Номгӯи нисбатан пурраи ин мамолик дар боби аввали «Видевдат» оварда шудааст. Дар ин ҷо дар силсилаи «беҳтарин кишвар ва мамлакатҳо»-и офаридаи Аҳура Маздо инҳо номбар мешаванд: Аирйанам Ваеҷаҳ, «Гава, макони суғдиён», «Моуруи [ноҳияи Марв] тавоно, ростипараст», «Баҳди (Бохтар) зебо бо дирафшҳои афрошта», «Нисайа, ки байни Моуру ва Бахдӣ воқеъ аст», Ҳарайва (ноҳияи Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеъҳои Ҳинд ва Ҳарахвати (Арахозия) дар ҷануби шарқӣ, Ҳайтуманта дар водии Ҳилманд дар ҷануб, кишварҳои гургониён ва Роғ (дар шимоли шарқии Мидия) дар ғарб. Ҳамин тавр, ҷаҳонбинии географии тартибдиҳандагони ин матни авестоӣ тақрибан тамоми ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна ва минтақаҳои ҳамсарҳади он – Афғонистону Эрони шимоли шарқиро дар бар мегирад. Аслан, матни дар ин шакл то замони мо расида нисбат ба қисматҳои дигари «Авесто» ба давраи баъдтар, ба замоне дахл доранд, ки зардуштия ба таври васеъ паҳн шуда буд. Баъзеҳо ақида доранд, ки асоси ин матнро порчае ташкил мекард. ки дар он теъдоди камтари кишварҳо номбар шуда буданд.

«Суруд дар васфи Митра» («Яшт»-и X, «Меҳр Яшт»), ки дар он ҳам номгӯи якчанд кишварҳо омадааст, ба давраҳои нисбатан қадимтаре муносибат дорад. Ин «Яшт» яке аз беҳтарин намунаҳои шеърияти авестоӣ (ва ё эронии қадим) мебошад. Дар ин ҷо, аз ҷумла тавсифоти пуробуранги кишварҳое, ки «сипаҳбадони мағлубнашавандаи онҳо корзорҳои беададе месохтанд, кӯҳҳои баланди пурчарогоҳ ба шахси парастори чорпоён хидмат мекарданд, кӯлҳои булӯрин ба масоҳати бузург паҳн шуда, дарёҳои васеи пуроб ба сӯйи Ишкат ва Парут, Ҳироту Марв, Ғави Суғд ва Хоразм равон буданд», дода шудааст[23].

Ба минтақаи дар ин порча тасвиршуда бояд ҳамчун ба минтақае назар кард, ки дар он аз ҳама пештар дини зардуштӣ паҳн гардид ва, ба ақидаи мо, дар яке аз ин кишварҳои номбурда ватани нахустин матнҳои авестоиро бояд ҷуст. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин ҷо ноҳияҳое номбар мешаванд, ки бо Бохтар ҳамсояву ҳамсарҳад буданд ва ё қисман дар замони пеш аз Ҳахоманишиҳо ба таркиби он дохил мешуданд. Аз ин рӯ, Бохтар бо «дирафшҳои афрошта», чи тавре ки он дар «Видевдат» ёд мешавад, агар нахустин набошад, яке аз он кишварҳоест, ки дар манотиқи он дини зардуштӣ аввалин бор паҳн гардид.

---

[23] Доир ба ҷойгиршавии ин вилоятҳо нигаред: ИТН. I, с. 505.

Дар матнҳои «Хурд-Авесто» муттаҳидшавии таълимоти Зардушт, ки аз тарафи пайравони ӯ инкишоф дода шуд, бо ғояву русумот ва образҳои ба таблиғоти аввалияи пайғамбар бегона, вале дар «Хурд-Авесто» инъикосёфта, мушоҳида мегардад. Ҳатто «Ясnои Ҳафтбоба», ки ба ҳамон лаҳҷаи «Готҳо» тартиб ёфта буд, гузаштҳои зиёде бо оинҳои паҳншуда дорад. Як силсила сурудҳои «Авесто» худоён ва персонажҳои асотириро (мисли Митра ва Ҳавма) васф мекунанд, ки аз қадим боз ориёиён онҳоро ситоиш мекарданд, вале аз тарафи пайғамбар дар «Готҳо» рад гардидаанд. Ин натиҷаи созиш бо дину мазҳабҳои қабилавӣ буд, ки дар ҳудуди давлатҳои бузурги ҳахоманишӣ, Порт ва Сосониён паҳн гардида буданд ва дар замони мавҷудияти онҳо ҷузъҳои «Хурд-Авесто» эҷод гардида, тартиб ва таҳрир меёфтанд. Вале чунин дину оинҳо ва дастурҳои маросимӣ ба таври сохта тавассути ибораҳои «чунин гуфт Аҳура Маздо ба Зардушт...» ва дигар василаҳои таҳририӣ дар он аз номи Зардушт оварда мешаванд. Ба истисноии ин фикраҳои илова чанде порчаҳои «Хурд-Авесто», махсусан «Яштҳо», аз рӯйи мундариҷаи худ нисбат ба замони мураттаб гардидани «Готҳо» қадимитаранд.

Ҳамин тавр, «Авесто» на танҳо доир ба дини зардуштӣ, балки доир ба баъзе оину мазҳабҳои эронии қадим ва русумоти қабилавие, ки ба замони умумияти ҳиндуаврупоӣ дахл доранд, маълумот медиҳад. Дар баробари ин «Авесто» муҳимтарин ёдгорӣ дар бобати омӯзиши айёми бостон, маданияту маишат, созмонҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давр, ҳамчунин осори ҳамосии қабилаҳои эронии Осиёи Миёна ва Эрон мебошад.

Ҷараёни махлутшавии таълимоти Зардушт бо дигар мазҳабҳои эронӣ дар миёнаи асри V пеш аз милод сурат ёфт.

Замони офариниши «Ясnои Ҳафтбоба»-ро асри VI – оғози асри V пеш аз милод, иншои «Яштҳо»-и қадимитар (ва махсусан «Меҳр Яшт»)-ро даҳаҳои нахустини асри V пеш аз милод меҳисобанд[24]. Вале дар ин сурат, одатан, дар назар дошта мешавад, ки «Готҳо» дар оғоз ва ё нимаи аввали асри VI пеш аз милод мураттаб шудаанд. Вале эҳтимол дорад онҳо пештар эҷод шудаанд, аз ин рӯ, қисматҳои аз ҷиҳати замон пасоянди «Авесто», «Ясnои Ҳафтбоба» ва «Яштҳо»-и аввалинро метавон ба замони боз ҳам қадимтар нисбат дод ва онҳоро байни санаи аниқ муайян нагардидаи Зардушт ва миёнаи асри V пеш аз милод ҷой дод. Мураттаб кардани матнҳои дигари «Хурд-Авесто» аз замони нишондодашуда пасонтар низ идома дошт, баъзе аз онҳо, эҳтимол, дар асрҳои якуми ҳазораи I милодӣ ташаккул ёфта бошанд.

Чунонки аз гуфтаҳои боло равшан мегардад, ҳангоми истифодаи «Авесто» ҳамчун маъхази таърихӣ бояд гуногунҷанбагии он, ки ифодакунандаи давраҳо ва ҳатто аҳдҳои мухталифи таърихӣ мебошанд, таъсири ақоиду тасаввуроти муҳаррирон ва тартибдиҳандагон ба матни то замони мо бозрасида ба назар гирифта шаванд. Дар ин ҳолат, ҳатто як фикра чун ҳамбастаи маълумоти замонҳои мухталиф ба назар мерасад.

Ба ҳамаи ин маҳдудиятҳо нигоҳ накарда, «Авесто» муҳимтарин ва ягона маъхазест барои равшан намудани таърихи қадимтарини эрониёни шарқӣ, яъне мардуми Осиёи Миёна, Афғонистон ва он қисмати Эрон, ки дар шафати Осиёи Миёна воқеъ гардидааст.

[24] Gershevitch I., 1959.

## Ҷамъияти Осиёи Миёна мувофиқи маълумоти «Авесто»

Маҷмӯи нисбатан комилтари маълумоти «Авесто» дар масъалаи тавсифи ҷамъият асари В.Гейгер «Маданияти Эрони шарқӣ дар аҳди бостон» мебошад[25]. Дар муддати пас аз соли 1882 ин асар аз бисёр ҷиҳат куҳна шудааст, вале, мутаассифона, асаре ҳаммонанди он аз ҷиҳати дарбаргирии материал ҳоло ба миён наомадааст. Ба ғайр аз диди нави филологӣ-лингвистӣ дар чунин асар маълумоти «Авесто»-ро мумкин аст аз назари комёбиҳон нави археологӣ тадқиқ кард. Умед аст, ки эроншиносон ва бостоншиносони мо дар солҳои наздик чунин асари зарурирo ба вуҷуд меоранд.

Муҳаққиқон хусусияти ҷамъияти авестоиро тадқиқ намуда, чаҳорзина будани онро қайд намудаанд. Дар «Яшт»-и X, 115 оварда шудааст: «Сарвари динии хонадон нманйа; сарвари динии авлод – висйа; сарвари динии қабила – зантума; сарвари динии мамлакат – даҳйума: сарвари олии динӣ – «заратуштротэма» номида мешавад[26].

Ба ҳамин тариқ, оила *нмана* ном дошт. Сарвари чунин оилаи патриархалӣ кадхудо – *нманопати*, яъне «худованди хона» буд, зани калонӣ дар оила *нманопатни* – «кадбону» номида мешавад. Мавқеи зиёдро ишғол кардани зани калонӣ дар оилаи тоҷикон, махсусан сокинони маҳалҳои назди Помир, бо ҳукмронии ҳазорсолаи ислом нигоҳ накарда, то замони мо боқӣ мондааст. Материалҳои этнографие, ки дар мавзеъҳои гуногуни Помир ҷамъоварӣ шудаанд, ба ин шаҳодат медиҳанд.

Як далели дигар, вале ғайримустақиме оид ба роли баланди занон дар Осиёи Миёнаи қадим мавҷуд аст. Чунонки маълум аст, дар замонҳои қадим ҳукмрони ноҳияҳои Осиёи Миёна – Уструшан ва Суғд лақаби «афшин» доштанд[27]. Таҷзия ва таҳлили таърихию этимологии ин истилоҳро В.И.Абаев анҷом додааст. Ӯ тафсирҳои куҳна ва дар ҳақиқат беасосро рад намуда, ин истилоҳро бо калимаи дар забони осетинӣ боқимондаи äfsin – «кадбону» муқоиса намуд[28]. Ба ақидаи В.И.Абаев занон – сарварони қабилаҳои сакой-массагетӣ бояд ҳамин унвонро медоштанд. Аз онҳо ин истилоҳ баъдтар ба ноҳияҳои ҳамсояи Осиёи Миёна гузашта, нисбат ба мардони сарвар истифода шудааст[29]. Ба ҳамин тариқ, истилоҳе, ки дар байни осетинҳо маънии «кадбону»-ро дошт, дар Осиёи Миёнаи қадим тадриҷан нисбат ба мардони ҳукмрон истифода гардид.

Дар матнҳои авестоӣ калимаи «нманйа» аъзои оиларо ифода менамояд, дар баробари ин, чунонки И.Гершевич исбот кардааст, истилоҳи мазкур эзиди нигаҳбони хонадонро низ ифода мекунад, ки мувофиқи тасаввуроти қадимии мардуми рус номи «парии хонагӣ»-ро гирифтааст. Ҳамчунин эзидони қабилавӣ мавҷуд буданд, ки онҳоро «висйа» меномиданд.[30] Амали ин эзидон

---

[25] Geiger W., 1882.
[26] Gershevitch I., 1959; p. 131. 276, 299.
[27] Бартолд В.В., 1964 а, с. 497.
[28] Абаев В.И., 1959, с. 112-116; доир ба амали äfsin байни осетинҳо ниг.: Косвен М.О., 1961.
[29] Абаев В. И., 1958, с. 110-111.
[30] Gershevitch I., 1959, p. 265.

қисман бо амалиёти фравашиҳо – фариштаҳои нигаҳбон ва рӯҳи тамоми мавҷудот мутобиқ мебошад[31].

Ба ҳайати оила узвҳои ноқисулҳуқуқ – вира, вайса ва парийатар низ дохил мешуданд. Вира маънии «мард», «сарбоз»-ро дорад, вале маънии «ғулом»-ро низ метавонад ифода кунад. Масалан, дар «Яшт»-и X, 28 оид ба Митра сухан меравад, ки вай ба он хонадоне, ки хайрхоҳ аст «галаву рама ва вираҳои зиёд», яъне ғуломонро тақдим медорад. Умуман, ҳангоме ки дар «Авесто» номбурд ва муқобилгузории чорпоён ва вира оварда мешавад, вира одатан ғуломро ифода мекунад. Вайса ва парийатар, тибқи баъзе матнҳо, ба ҳайати оила ҳамчун узвҳои хурд дохил мешудаанд[32].

Иттиҳодияҳои нисбат ба оила калонтар аз риштаи падарӣ «нафа» ном доштанд. Онҳо соҳиби замини кишт, чарогоҳ ва дигар дороии дигари умумӣ буда, моликияти аъзои иттиҳодияро риштаҳои ҳамраъйӣ ва кафолат ба ҳам мепайваст. Ин гурӯҳҳо хеле бузург буданд ва наздики 100 марди комилҳуқуқ ба он дохил мешуд. Оид ба мавқеи чунин гурӯҳҳо, аз ҷумла, гилаи Зардушт шаҳодат медиҳад: «Бизоатмандон ва муттафиқон аз ман рӯ тофтанд, ҷамоа нисбат ба ман номеҳрубон аст, ҳамчунон ки шаҳриёрони дурӯғпарасти кишварҳо номеҳрубонанд» («Ясно»-и 46, 1)[33].

Қабила («вис») аз якчанд гурӯҳҳои бизоатманд иборат буд, сардори қабила «виспати» ном дошт. «Вис» на танҳо қабила, балки маскани аҳли қабила – деҳро низ ифода мекунад. Дар аввал, зоҳиран, ин макони зист аз якчанд хонадон иборат буд. Баъдтар вай батадриҷ хусусиятҳои ҷамоаи кишоварзиро соҳиб шудааст[34].

Ҷавонон ҳангоми ба камол расидан (овони 15-солагӣ) маросими иртиқаро ба дин ва ҷамоа мегузаштанд. Дар маҷлиси гурӯҳи бизоатмандон ба онҳо камарбанд ва пироҳани муқаддас бахшида мешуд. Ба ин амал ҳамчун «таваллуди дувум»-и инсон назар мекарданд. Танҳо пас аз ин ҷавон узви комилҳуқуқи ҷамоа мегардид, дар маросимҳои динӣ иштирок менамуд, уҳдадориҳо гирифта ва ақди никоҳ баста метавонист.

Аксари масъалаҳои хонаводаро шӯрои қабила, ки сарварони гурӯҳҳои бизоатманд ба он дохил мешуданд, ҳал мекард. Шӯро масъалаҳои ҳаёти дохилӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии марбут ба анҷоми вазоифи динӣ ва ҳуқуқӣ, ғайр аз ин масъалаҳои муносибат бо қабилаҳои дигарро ҳал менамуд[35].

Мувофиқи матнҳои «Авесто», дар ҷамъияти онзамона тафриқаи иҷтимоию молумулкӣ хеле васеъ инкишоф ёфта буд. Дар боло мо ба ғуломон ишорат кардем. Дар қисматҳои мухталифи «Авесто» ба кадхудоён ва шахсоне ишора мешавад, ки галаву рамаи фаровонеро соҳибанд. Чорпо бойигарии асосӣ ба ҳисоб мерафт, вале маълум аст, ки бойигарии дороён на танҳо чорпо, балки замину сарватҳои дигар низ буд.

Дар «Авесто» гурӯҳҳои «иҷтимоӣ-касбӣ» ба монанди рӯҳонӣ, сарбозу дучархасавор, деҳқони чорводор ва (як бор) ҳунарманд номбар мешаванд. Баъзе олимон ақида доранд, ки ин тақсимоти иҷтимоӣ ба давраи умумияти

[31] Дар ҳамои ҷо, p. 266; ИТН, I, с. 140.
[32] Gershevitch I.; 1959, p. 87, 182; ИТН, I, с. 141-143.
[33] Периханян А. Г.. 1968, с. 34-38.
[34] ИТН, I, 1963, с. 143-146.
[35] Периханян А. Г., с. 38–39.

ҳиндуэронӣ дахл дорад ва аз ин сабаб қобили тавачҷуҳ нест; дигарон бошанд, ба таври асоснок муътақиданд, ки он инъикоскунандаи ҳақиқати (дар замони пайдоиши «Авесто» ва баъдтар) вуҷуддоштаи таърихӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳангоми таҷдиди ҷамъияти «Авесто» бояд ба мадди назар дошта шавад[36].

Дар баробари мардуми одӣ ҷамъият дорои «родмардон» ва «ашрофон» буд. Яке аз истилоҳот ба маънии «родмард», «ашроф»– «азата» («асилзода») аст. Аксаран вай сарвари виса (қабила) ва оилаи худ мебошад. Таҳлили таҷзияи комили этимология ва эволютсияи калимаи «азата»-ро Г.Бейли анҷом додааст. Дар забони форсии миёна – паҳлавӣ он маънои «зодаи хонадони шоҳ», «родмард», «озодасл»-ро дошт[37].

Аз ҳамин ҷо калимаҳои тоҷикии «озод» ва «озода» сар задааст, ки яке аз маъниҳои он «род», «наҷиб» аст. Истилоҳи дигари «Авесто» барои ифодаи «ашроф» «асна» мебошад[38].

Қабила – «занту», зоҳиран, мавқеи нисбатан хурдтарро ишғол менамуд. Дар баробари ин баъзе матнҳоро аз шӯрои «беҳтарин мардумон» иттилоъ медиҳанд. Истилоҳи ифодакунандаи ин гуна шӯроҳо «ҳанҷамана» буд, ки дар забони тоҷикӣ ба шакли «анҷуман» боқӣ мондааст.

«Вилоят» ва «мамлакат», ки аз якчанд ноҳия иборат буд, дар «Авесто» «даҳйу» ном дорад. И.М.Дяконов дуруст қайд мекунад, ки «равшан кардани маънии ин истилоҳ мушкил аст». Аксаран дар қисматҳои қадимтарини «Авесто» «даҳйу» ба маънии ҳамон гуна «давлатчаҳое» буд, ки тибқи манбаъҳои ошурӣ, дар Мидия вуҷуд доштанд, яъне иттиҳодияҳои минтақавие будаанд, ки на ҳамчун давлат, балки ҳамчун ташкилотҳои бузурги қабилавӣ амал мекарданд. В.А.Лившитс ҳаққонӣ хотиррасон мекунад, ки даҳйу «пеш аз ҳама, мафҳуми ҳудудӣ ва географист, ки дар он умумияти этникӣ хеле зиёд аст, вале он ҳоло дар таркиби давлати ташаккулёфта воҳиди маъмурӣ нест».

Дар сари «даҳйу» «даҳйупатн» меистод. Аз шахсони дигаре, ки ҳокимият ба дасташон буд, «састар» («ҳукмрон», «ҳоким»)-ро ном бурдан мумкин аст, ки ҳукмаш ба ин ё он маҳал раво буд[39].

Дар «Авесто» барои ифодаи маънии иттиҳодияи ноҳияҳо истилоҳи «даҳйусасти»– «ҳокимият бар ноҳияҳо» мавҷуд аст.

Сардори чунин иттиҳодия «даҳйупатии тамоми даҳйуҳо»–«ҳокими тамоми ноҳияҳо» буд; вай ҳуқуқи яккаҳокимиятӣ надошт, чунки ба ғайр аз ӯ «даҳйунам фратэмадато» – «шӯрои бузургон»-и иттиҳодияи ноҳияҳо низ фаъолият мекард. Зоҳиран, ҳокимияти «даҳйупати»-ҳо ва, ҳатто «ҳокими тамоми ноҳияҳо» маҳдуд буд ва шӯро бар ҳокимияти онҳо назорат мекард[40].

Таҳлили «Готҳо» аз ҷиҳати иҷтимоӣ-сиёсӣ (дар ин бобат корҳои В.И.Абаев ва И.М.Дяконов муҳиманд[41]) нишон медиҳад, ки онҳо инъикоскунандаи ҳолату авзои ҷамъияте мебошанд, ки дар остона ва ё дар оғози офариниши давлат аст.

---

[36] Herzfeld E., 1947. p. 788 H; Дяконов И. М., 1956, с. 154; Грантовский Э.А., 1960, с.1-2, 10-13; ИТН, I, с. 150.

[37] Bailey H.W., 1959, p. 95-101; 1960, p. 953-955.

[38] Gyrshyvitch I., 1959, p. 158.

[39] Nubyrg H.S., 1938, s. 57, 304; Дяконов И.М., 1956, с. 185-189; ИТН, I, 1963, с. 146-147.

[40] Gershevitch I., 1959, p. 296-299.

[41] Абаев В. И., 1956; Дяконов И.М, 1956, с. 386-394.

Ҷамоаи дар «Готҳо» тасвиршуда аз тороҷгарӣ, тохтутози ваҳшиёнаи ҳамсоягон, ғорат шудани чорпоён ба дод омадааст. «Готҳо» ба зиндагии орому осоишта ва мавҷудияти маконҳои гул-гулшукуфон бо сарварии шоҳони «хуб», даъват мекунанд. Ҳамаи ин тағйироти бузурги иҷтимоиро талаб мекард, ки ҷараёни онҳо дар он замон хеле тезутунд буд. Ин ҳолатро низ ба назар гирифтан зарур аст, ки «дар давраи аввали ҷамъияти синфӣ мавқеи ҳалкунандаро дар байни синфи ҳукмрон ҳамеша аъёну ашрофи қабила – пешвоён ва рӯҳониёне, ки дар заминаи сохти ҷамоати ибтидоӣ ба миён омада буданд, ишғол мекард. Аммо давлати муттаҳида танҳо анъанаҳои қабилавӣ ва ҳукмронии олигархиро, ки бо решаҳои маҳаллӣ ва ҷамоавии худ пурқувват буда ва аз ин ваҷҳ доимо ҷудоиталаб аст, аз миён бардошта, ба вуҷуд омада метавонад»[42].

Ба ҳамин тариқ, муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсии давраи мазкурро дар Осиёи Миёна ҳамчун муносибатҳои гузариш аз сохти ибтидоии ҷамоагӣ ба сохти ҷамъиятии синфӣ маънидод кардан мумкин аст. Ҷамоати қабилавӣ аз байн рафта, ҷамоати деҳот ба миён меомад. «Оилаи ҷудогона воҳиди хоҷагии ҷамъият шуда мемонад»[43]– гуфтааст Ф.Энгелс. Асоси ҷамоати деҳотро бар хилофи ҷамоати қабилавӣ, на муносибатҳои қабилавӣ, балки алоқаҳои хоҷагӣ ва ҳудудӣ ташкил мекарданд. Дар таърихи мардуми Осиёи Миёна ҷамоати деҳот роли калоне бозида, асрҳои аср пояндаву барқарор будааст. «Истибдоди шарқӣ ва ҳукмронии истилогарони бодиянишине, ки ҷойи якдигарро мегирифтанд, дар давоми ҳазорҳо сол бо ин ҷамоаҳои қадимӣ ягон коре карда натавонистанд»[44],–қайд мекунад Энгелс дар «Анти-Дюринг».

Дар дохили обшина тадриҷан нобаробарии молумулкӣ меафзуд. Ғуломдории патриархалӣ инкишоф меёфт. Дороён ва камбағалон пайдо мешуданд. Мавқеи сипаҳсолорон ҳамчун шахсони доиман соҳибмансаб баланд мегардид. Вале ҳокимияти онҳоро шӯрои куҳансолон ва маҷлиси қабилавӣ маҳдуд мекард. Зарурати иттиҳодияи қабилаҳо ба миён меомад.

Чунонки Ф.Энгелс қайд мекунад, лашкаркашиҳои ғоратгарона мавқеи сипаҳсолорон ва пешвоёнро боз ҳам баланд менамуд. Ҷанг бо мақсади ғоратгарӣ касбу кори доимӣ мегардад. Сипаҳсолори олӣ ва дастёрони вай аъёну ашрофи меросӣ шуда мемонданд, «демократияи табиии сохти ибтидоӣ ба аристократияи нафратовар» мубаддал мегардид[45].

Мутобиқи шароити мухталифи истеҳсолот дар минтақаҳои саҳроӣ ва водиҳо дар оғози ҳазораи I пеш аз милод ду намуди хоҷагӣ – кӯчманчигӣ, чорводорӣ дар саҳро ва муқимнишинӣ, заминдорӣ дар воҳаву водиҳои сероб ташкил гардиданд. Ба ҳамин тариқ, аз давраҳои қадимтарин дар Осиёи Миёна ҳолате барқарор гардида буд, ки дар бораи он К. Маркс навиштааст: «Дар ҳамаи қабилаҳои шарқ аз сароғози таърих дар байни муқимӣ будани як қисми онҳо (қабилаҳо – Б.Ғ.) ва кӯчманчигии давом кардаистодаи қисми дигар таносуби умумиеро дидан мумкин аст»[46].

---

42 Дяконов И. М., 1956, с. 392.
43 К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 21, с. 164.
44 К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо. ҷилди 20, с. 166.
45 Дар ҳамон ҷо, ҷилди 21, с. 168.
46 Дар ҳамон ҷо, ҷилди 28, с. 214.

## Масъалаи ташаккули қадимтарин давлатҳо

Таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки мамлакат дар марҳилаи гузариш ба ҷамъияти синфӣ буд. Комилан табиист, ки дар баъзе аз ноҳияҳои мутараққии Осиёи Миёна аввалин давлатҳо ташкил меёфтанд ва, эҳтимол, инҳо ҳамон давлатҳое буданд, ки дар «Авесто» «даҳйусасти» номида шудаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ин давлатҳои нахустин маълумоти хеле кам ва дар бисёр мавридҳо нодурустеро дучор менамоем.

Яке аз ин давлатҳо «Хоразми Бузург» буд. Геродот (III, 117) иттилоъ медиҳад: «Дар Осиё даште мавҷуд аст, ки атрофашро силсилаи кӯҳҳо ишғол кардаанд, дар ин қаторкӯҳҳо панҷ дара мавҷуд аст. Замоне ин дашт моли хоразмиён буд ва он дар ҳудуди хоки ҳамин хоразмиён, гиркониён, портҳо, сарангҳо ва таманаиҳо ҷо гирифтааст. Аз кӯҳе, ки дар атрофи дашт ҷо дорад, дарёи бузурги Акес ҷорӣ аст. Аввалҳо дарё ба панҷ шохоб тақсим шуда, заминҳои мардумони зикршударо обшор менамуд». Ин порча аз Геродот баҳси зиёдро ба миён овардааст; тафсироти мухталиф, аз ҷумла, комилан фантастикӣ дар ин бобат баён шудааст. Ҳақиқатан ҳам дар ин ҷо душвориҳои зиёд пеш меоянд. Дар натиҷа В.В.Бартолд барин шахсе, ки беҳтарин донандаи географияи таърихии Осиёи Миёна аст, аз таҳлили аниқи ин иттилоот даст кашидааст[47].

Аксарияти олимон ба ин иттилоот таври дигар назар мекунанд. Аввалан, дарёи Акесро, ки Геродот аз он хабар медиҳад, қариб тамоми муҳаққиқон ҳамон дарёи Теҷен мешуморанд (Ба ақидаи мо, С.П.Толстов, ки бархилофи шаҳодати бавосита ва бевоситаи манбаъҳо кӯшиш дорад, дарёи Акесро дар мавзеи Хоразми ҳозира ҷой бидиҳанд, ноҳақ аст[48]).Сониян, иттилооте, ки дар асарҳои дигар муаллифони қадим мавҷуд аст, ба назар гирифта мешавад. Муаллифи юнонӣ Геготеи Милетӣ (наздики соли 500 пеш аз милод) аз Геродот пештар хоразмиҳоро ёд мекунад, ки қисман дар дашт ва қисман дар кӯҳҳо, дар шарқи Порт зиндагӣ мекарданд. Равшан аст, ки ин на Хоразми ҳозиразамон, балки ноҳияест дар навоҳии Ҳироту Марв[49]. Ҳамаи инро ба назар гирифта, И.Маркварт дарёи Акесро на танҳо бо Ҳарирӯди ҳозира – Теҷен айният додааст, ки ба ин васила иттилооти Геродот воқеӣ ба назар мерасад, балки онро бо ривоятҳои эронии қадим оид ба Афросиёб, ки якчанд дарёҳоро ба кӯли Ҳилманд гузаронидааст, муқоиса менамояд[50]. Вай ба будани иттиҳодияи калони қабилаҳои шарқиэронӣ – «Хоразми Бузург» ақидаи худро изҳор дошт.

Тамоми қазияи географии дар боло овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки маркази ин иттиҳодия дар Хоразми ҳозиразамон набуда, ҷанубтар – дар ноҳияи Марву Ҳирот ҷо дошт.

Сайри қавмҳо, ки боиси ташаккули чунин иттиҳодия гардидааст, масъалаи дигар аст. Дар ин бора ду назария мавҷуд аст: баъзеҳо исбот мекунанд, ки

---

[47] Бартолд В.В., 1965 а, с. 25–26, 100–101.
[48] Толстов С.П., 1948, а, с. 44–45.
[49] Дар ин бора ниг.: Tarn W.W., 1951, с. 478–479; Пянков И.В., 1961, с. 100.
[50] Marauart J., 1938, s. 9 ва мобаъд.

иттилооти Гекотей ва Геродот шоҳиди ҳаракати батадриҷи хоразмиҳо аз шимол ба ҷанубанд, дигарон, баръакс, муътақиданд, ки хоразмиҳо аз Эрон ба маҳалҳои назди Арал ҳаракат кардаанд.

И.Маркварт назарияе пеш ронд, ки Аирйанам Ваеҷаҳ, ки аслан маънии луғавиаш «Фарохнои Ориёно»[51] аст, бо ҳамин «Хоразми Бузург» айният дорад. Дар бораи он иттилоъ дода мешавад, ки наздики дарёи Дотйа (зоҳиран, дарёи Аму) воқеъ аст ва зимистони ин ҷо даҳ моҳ тӯл мекашад. Ин назария аз тарафи аксари муҳаққиқон пазируфта шудааст.

Барои тасаввуроти бештар пайдо кардан оид ба «Хоразми Бузург» забоншиносон, алалхусус В.Б.Ҳеннинг, кори зиёде анҷом додаанд. Аз ҷумла, ӯ забони «Авесто»-ро бо он иттилооте, ки оид ба забони хоразмӣ мавҷуд аст, муқоиса кардааст. Моҳияти ақидаи В.Б.Ҳеннинг дар он аст, ки ду лаҳҷаи асосии «Авесто»-ро ба гурӯҳи ғарбиэронӣ ва шарқиэронӣ нисбат додан мумкин нест, онҳо мавқеи мобайниро ишғол мекунанд. Аз рӯйи ақидаи ӯ, ин ҳолат бо пешниҳоде, ки гӯё «Готҳо»–қадимтарин қисмати «Авесто» дар мавзеи Марву Ҳирот ва матнҳои баъдии авестоӣ аксаран дар Систон офарида шудаанд, мутобиқ шуда метавонад. Хулосаи ӯ чунин аст: «Тадқиқи амиқтаре ҳам лозим нест барои он ки бигӯем, шаҳодати забоние, ки материалҳои хоразмӣ додааст, ҳақиқат будани конструксияи таърихии моро исбот мекунад, вале як чизро метавон гуфт: онҳо бо вай мутобиқат мекунанд»[52].

Ба ҳамин тариқ, гарчанде бисёр масъалаҳои марбут бо «Хоразми Бузург» норавшан бошанд ҳам, ба мавҷудияти чунин иттиҳодияи бузург шубҳа кардан маҳол аст.

Дувумин давлати бузург салтанати Бохтари Қадим буд. Таърихнависи Юнони Қадим Ктесий ҳикоятеро дар бораи лашкаркашии шоҳи ошурӣ – Нино ба Бохтар маҳфуз доштааст. Дар он оид ба сернуфус будани Бохтар, зиёд будани шаҳрҳои калон, дар бораи пойтахти ин давлат – Бохтари истеҳкомдор, шоҳи Бохтар – Уксорт, ганҷинаҳои фаровони он хабар дода мешавад (Диодор, II, 5, 3). Чунонки илми таърихшиносии ҳозиразамон исбот кардааст, лашкаркашиҳои ошурӣ то Бохтар нарасидаанд[53], аз ин рӯ, ҳикояти Ктесийро сохтакории адабие мешуморанд, ки дар тақлид аз ҳикояти Геродот оид ба Лидияро гирифтани Куруш навишта шудааст[54].

Аксари олимон асли мундариҷаи ҳикояти Ктесийро рад намуда, дар баробари ин ақида доранд, ки он дар асоси ривоятҳои дар Эрон паҳншуда ба миён омадааст. Далели мавҷудияти Бохтари муқтадирро аз иттилои Геродот (1,153) дар бораи он ки дар сари роҳи Куруш баъд аз таслими Лидия «Бобул, мардуми Бохтар, сакоиҳо ва мисриён меистоданд», метавон дид. Пас, Бохтар бо давлатҳои бузурги Миср ва Бобул дар як қатор меистодааст. В. Гейгер низ муътақид буд, ки Бохтари Қадим аз ҷиҳати тавоноӣ аз ноҳияҳои ҳамсоя болотар буда, дар байни онҳо мавқеи хосеро ишғол менамуд[55].

---

[51] Marquart J., 1901. s. 155–156; ниг. низ.: Benveniste E., 1934, p. 265–274.
[52] Henning. W B., 1951, p. 44-45.
[53] Дяконов И. М., 1956, с. 169.
[54] Пянков И. В., 1966, с. 9.
[55] Geiger W., 1881, s. 66–67.

Хоки ин иттиҳодия, зоҳиран, аз ҳудуди Бохтар васеътар буд. Тибқи баъзе маълумотҳо, ба ҳайати он (мумкин аст на ҳама вақт) Марғиён ва Суғд дохил мешуданд.

Шуҳрати бойигариҳои табиии Бохтар берун аз ҳудуди он то Осиёи Наздик расида буд. Махсусан, лоҷуварди бадахшонӣ баҳои баланде дошт.

Дар минтақаҳои заминдории Осиёи Миёна ба ғайр аз хоразмиҳо (аниқтараш хорасмиҳо) ва бохтарҳо, ки дар боло ишора кардем, суғдиён, фарғониён, марғиён, портҳо мезистанд. Суғдиён дар водии дарёҳои Зарафшон ва Қашқадарё, фарғониён дар водии Фарғона, марғиён –дар воҳаи Марв, портҳо дар тарафи шимоли кӯҳҳои Купетдоғ умр ба сар мебурданд. Дар водӣ ва кӯҳҳо қабилаҳои бодиягарди сакоӣ қарор гирифта буданд. Сакоиҳо ба ду конфедератсия ҷудо мешуданд: сакоиҳои ҳумаварга («сакоиҳои ситояндаи Ҳаума») ё амюргҳо – гурӯҳи ҷануби шарқии қабилаҳои сакоӣ (ки таърихан бо Бохтар ва Ҳинд иртибот доштанд) ва сакоиҳои тиграхӯд («сакоиҳои қулоҳпӯш») ва ё ортокарибантиҳо – массагетҳо – гурӯҳи шимоли шарқӣ, ки бо Хоразм марбут буданд[56].

## Зардуштия

Дар боло ишора кардем, ки «Авесто» – маҷмӯи аносири аҷноси мухталиф ва дар замони гуногун ба вуҷуд омадааст. Кайҳост, ки муҳаққиқон доир ба таҷзияи ин аносир ва муайян намудани ҷанбаҳои қадимтарини дини эрониён кор мебаранд. Махсусан, дар ду даҳсолаи охир ин корҳо хеле пеш рафтанд[57]. И.Гершевич ба ҷойи як номи умумии «зардуштия» се номро пешниҳод мекунад: «заратуштрианизм» (дини замони худи Зардушт, ҳамон тавре ки он дар «Готҳо» инъикос ёфтааст); «заратуштритсизм» (дине, ки дар матнҳои нисбатан баъдинаи авестоӣ мунъакис гардидааст); «зороастрианизм» (оини замони сосонӣ)[58].

Дар байни қабилаҳои эронӣ дар ҳудуди ҳазораҳои II – I пеш аз милод оину мазҳабҳои ҷудогонае мавҷуд буданд, ки баъдтар онҳо ба зардуштия дар шакли комилан инкишофёфтаи худ дохил гардиданд. Аксари онҳо ба давраи умумияти ҳиндуэронӣ ва баъзан ба умумияти ҳиндуаврупоӣ мерасиданд. Махсусан, ситоиши Митраро бояд ном бурд. Худоёне, ки эрониён мепарастиданд, Аҳура ном доштанд. Тадриҷан тасаввурот дар бораи худои ягона – Аҳура пайдо шуд, ки ӯро Маздо – «доно» меномиданд.

Гарчанде баъзе олимон шубҳа доранд (ақидаи онҳо дар китоби мо «Таърихи халқи тоҷик» оварда шудааст), далели шахсияти ҳақиқии таърихӣ будани Зардуштро исботшуда шумурдан мумкин аст. Ӯ мураттиби «Готҳо» аст ва дар онҳо шахсияти ӯ ҳамчун таблиғотчӣ, одами зинда ва мубориз ба таври

---

56 Масъалаи манзил гирифтани тоифаҳои сакоӣ хеле мураккаб аст. Ба ин ҷиҳат дар адабиёти илмӣ нуқтаи назарҳои мухталиф бисёранд. Мо яке аз онҳоро қабул мекунем (навтарин таҷрибаи баёни ин масъаларо ниг.: Грантовский Э.А., 1963; Литвинский Б.А., 1969).

57 Duchesne-Guillemin J., 1953; Duchesne-Guillemin J., 1962; Zachner R.S., 1961.

58 Gershevitch I., 1964.

равшан аён мегардад. Сонитар, дар «Хурд-Авесто» Зардушт ҳамчун персонажи асотирӣ пайдо мешавад.

Номи Зардушт (шакли аврупоиаш Зороастр), бо эҳтимоли куллӣ, маънии «шутурбон»-ро дорад[59]. Ӯ аз дудмони Спитама аст (аз ҳамин ҷост исми суғдии Спитамана, ки дар юнонӣ Спитамен шудааст). Падараш Поурушаспа ва модараш Дуғдова ном доштанд. Зардушт ба табақаи мӯбадон мансуб буд. Вай шахси камбизоат буд, шикваҳояш маҳфуз мондааст, ки чорво ва тобеони кам дорад, ба ӯ даҳ байтал бо тойчаҳояш ва шутуре ҳамчун туҳфа ваъда шудааст. Зардушт зану фарзанд дошт.

Зардушт дар «Готҳо» мегӯяд, ки ваҳйи дини халқро аз Аҳура Маздо ноил гардидааст (ба ҳамин монанд дар Қуръон низ аз гуфтугузор ва суҳбатҳои Муҳаммад бо Худо ва илҳом гирифтанаш сухан меравад). Дар оғози таблиғоти динии худ Зардушт ба муваффақият соҳиб нашуд ва маҷбур ба фирор гардида, дар охир дар шахси кави (шоҳзода, шоҳ) Виштосп ҳимоятгаре пайдо кард, ки худаш ва наздиконаш дини Зардуштро қабул карданд. Дар «Готҳо» ба ғайр аз ин чандин шахсон – наздикон ва хешони Зардушт номбар мешаванд.

Таблиғоти Зардушт ба муқобили пешвоёни қабилавӣ (ва ё ашроф) ва мӯбадони дини пешин, ки қурбониҳои зиёди хунинро тарғиб мекарданд, равона карда шуда буд. Ба таври одилона ва холисона шаклҳои пешқадами хоҷагидориро тарғиб намуда, ба муқобилат кардан ба задухӯрдҳои ҷангиву ғоратгарона, ки ягона мақсадашон ба тороҷ бурдани чорпоён буд, даъват намуда, Зардушт тарафдори муқимнишинӣ ва барқарор намудани ҳокимияти пурзӯру зиндагии осоишта дар рӯйи замин буд. Ситоиши эзидони қадимаро рад намуда, Зардушт ситояндаи худои ягона – Аҳура Маздо гардид.

Аз байни хусусиятҳои асосии зардуштия, ки ба давраҳои мухталифи инкишофи он хос буданд, инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) дар шаклҳои аввалини зардуштия тамоили монотеистӣ (яккахудоӣ), ки дар ибодат ба худои ягона – Аҳура Маздо (Урмузд, Ҳурмузд) ифода ёфта буд, ба назар мерасад; 2) дуияте, ки аксаран онро ба ахлоқ ва одоб нисбат медиҳанд ва он аз муқобилгузории ду мабдаи доимии муҷаррад Некӣ ва Бадӣ ва ё Рост ва Дурӯғ таркиб ёфта буд, сарвари қувваҳои Некӣ (ростӣ, адолат, рӯшноӣ ва ғ.) – худои бузург – Аҳура Маздо, сарвари қувваҳои Бадӣ (дурӯғ, торикӣ ва ғ.) эзиди бад ва душман – Аҳраманйу (дар навишти авестоӣ – Ангро Майну, баъдан Аҳриман) мебошанд. Муборизаи ин ду қувва асоси пешрафти ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Мутобиқ ба исми Аҳура Маздо зардуштияро баъзан маздаизм[60] ва худи пайравони он худашонро маздаясноён (аз маздаясно «ситояндаи Маздо») меноманд.

---

[59] Заратуштра (Зардушт) шакли мифӣ аст, ки бо каме тағйирот дар Эрони Сосонӣ дар шакли Зардушт ривоҷ ёфтааст (шакли тоҷикии он ҳам ҳамин хел аст). Зароастр, ки дар забонҳои аврупоӣ истифода мегардад, зоҳиран ба тавассути забони юнонӣ ба шакли форсии қадим Заратуштра мерасад (Gershevitch I., 1964, p. 28-38).

[60] Баъзе муаллифони советӣ маздакияро маҳз як навъи ақоиди қадими эронии бо зардуштия марбути Осиёи Миёна номидаанд. Дар чунин маврид бояд Маздакияи Осиёи Миёна гуфт, то ки дарҳам-барҳамӣ ба миён наояд.

Қабилаҳои ориёӣ хеле барвақт, зоҳиран, дар давраи ҳиндуэронӣ дар бораи ду навъ худоҳо тасаввурот доштаанд: дайва (дар ҳиндӣ дева, баъдтар дар эронӣ дев шудааст) – худоҳои қадимии антропоморфии табиӣ буданд, ин калима ба маънии умумии худо низ меояд (решаи ҳиндуаврупоӣ – дейво), дигар асура (дар эронӣ аҳура, маънии луғавиаш «сарвар», «худованд») – худоёне, ки сарвари олӣ ва сарварии махсусеро доир ба масоили ахлоқӣ ба уҳда доштанд. Мувофиқи анъанаи Ҳинди қадим (дар сурудҳои баъдтар эҷодшудаи «Ригведа»), асураҳо душмани мардум ҳисоб мешуданд, баъдтар дар Ҳинд калимаи асурарο танҳо барои ифодаи қувваҳои бадӣ истифода мекардагӣ шуданд, девҳо бошанд, ҳамчун худоён боқӣ монданд. Дар дини маздаясно ин табдилот баръакс анҷом гирифт: девҳо дар ин дин худоёни бадкирдор гаштанд[61]. Дар шумори девҳо «Авесто» Индра (яке худоёни маълуму машҳури ведоӣ) ва «Наҳатна» (дар ҳиндӣ Насатйа) ва дигаронро ном мебарад. Истилоҳи «аҳура», баръакс маънии «худо»-ро дар худ нигоҳ дошт.

Аз байни худоёни дигар яке ҷудо гардид, ки худои оламу кайҳон, худованди донову роздон ба ҳисоб мерафт. Аҳура дар якҷоягӣ бо сифати «Мазда» номи худои ягона Аҳура Маздоро (худованди бохирадро) ташкил мекунад. Ин тағйирот бевосита бо рафти гузариш ба дине, ки ҷанбаҳои ахлоқии зиёд дошт, марбут буд. Аҳура Маздо (монанди асураи Ҳинди қадим Вауна) бо яке аз мафҳумҳои асосии динӣ бевосита алоқаманд аст, ки он арта (дар «Авесто» – аша) – ростӣ, шаҳриёрии хуб, адолат мебошад. Дар «Готҳо»-и Зардушт Аҳура Маздо на танҳо худои ягона аст: ӯ на танҳо худоёни дигарро радду инкор мекунад, балки ба ҷойи онҳо амал менамояд.

Дар соҳаи расму оин Зардушт қурбониҳои хунин ва истифодаи нӯшокии муқаддас – хаомаро (дар ҳиндӣ сома) рад мекард ва танҳо ситоиши оташро тарғиб менамуд. Оташ ҳамчун ифода ва ё рамзи адолати илоҳӣ – арта шинохта мешуд. Ситоиши оташ ва оташкадаҳо баъдан яке аз хусусиятҳои хоси зардуштия гардиданд. Манъи куштори чорпоён барои қурбонӣ бевосита бо мазмуну мундариҷаи иҷтимоии таълимоти Зардушт алоқаманд аст.

Якҷоя бо тамоюли яккахудоӣ, ки ба сабаби худои ягона шинохта шудани Аҳура Маздо дар байни тоифаҳои эронӣ инкишоф меёфт, тасаввуроти дуалистӣ низ паҳн мегардид. Мувофиқи ин тасаввурот, тамоми чизҳои рӯйи ҷаҳон – худоён, ҳаводиси табиат ва ҷамъият, ҳайвонот ва ғайра ба мабдаъҳои неку бад, ба ростӣ (арта) ва ё дурӯғ (драуга, шакли авестоиаш друг, друҷ) – таҷассуми беадолатӣ, бадӣ ва бадахлоқӣ мансубанд. Ин ақидаҳо дар таълимоти Зардушт, ки монотеизм ва дуализмро фаро гирифта, тамоми тасаввуроти дуалистиро дар атрофи як зиддияти умумии ҷаҳонӣ ғун мекард, ҷамъбаст ва амиқтар шуда буданд. Дар зиддияти умумии ҷаҳонӣ роли ҳалкунандаро инсон мебозид.

Роли инсон дар зардуштия аз рӯйи консепсияи оид ба иродаи озод, ки дар «Готҳо»-и Зардушт асоснок шудааст, муайян мегардад. Инсон некӣ ва ё бадиро худ интихоб менамояд ва амалиёти ӯ дар рафти муборизаи ҷаҳонии мабдаъҳои

[61] Чунонки дар манбаъҳои хаттӣ зикр шудааст, дар Осиёи Миёна то асрҳои миёна ва дар байни сокинони назди Помир ва яғнобиҳо то имрӯз, ҳатто тасаввуроти ҳамчун накӯкор на фақат ба ҷинси мард, балки ба ҷинси зан тааллуқ доштани ҷин маҳфуз мондааст.

неку бад аҳамияти ҳалкунанда дорад. Роҳи некиро дини поки ба замин овардаи пайғамбар – Зардушт нишон медиҳад. Кӯшиши якҷояи тарафдорони он (ва ё пайравонаш) бояд дар охир ба пирӯзии некӣ бирасонад. Зардушт ба мардум ваъдаи расидани ҷаҳони наверо медод, ки дар он қувваҳои некӣ бар бадӣ пирӯз хоҳанд шуд. Пас аз озмоиш бо оташ онҳое, ки некиро интихоб намудаанд, ба олами адолат, ки Аҳура Маздо ба он асос гузоштааст, мерасанд. Мувофиқи таълимоти Зардушт пирӯзии қатъии қувваҳои некӣ дар ояндаи наздик бояд анҷом бипазирад. Вале баъдтар дар зардуштия қабул гардид, ки пас аз мавлуди Зардушт ва ба миён омадани оини ӯ, ки васоили мубориза бо бадӣ аст, то расидани раҳоибахш – Саошианта (ин истилоҳ дар «Готҳо» низ истифода шудааст), ки аз нутфаи Зардушт аст ва дар қаъри кӯл нигоҳ дошта мешавад, се ҳазор сол хоҳад гузашт. Маҳз пас аз расидани раҳоибахш бояд пирӯзии қатъии некӣ бар бадӣ анҷом ёбад.

Вазифаи асосии инсон дар мусоидат ба некӣ ва дар муборизаи он бо бадӣ гузориши намоз ва иҷрои маросимҳо ҳисоб намеёфт. Дар оғози пайдоиши худ зардуштия ба ин ҷиҳати масъала қариб ҳеҷ аҳамияте намедод. Вазифаи асосӣ зиндагии одилонаи аз тарафи дини ҳақ муайянгардида ва «андешаи нек», «гуфтори нек», «кирдори нек» буданд, ки тавассути онҳо инсон бо бадӣ мубориза мекард. Зиёд кардани бойигариҳои моддӣ (ки Аҳура Маздо ва ё Рӯҳи муқаддас барои инсон офаридааст), яъне машғул шудан бо чорводорӣ ва киштукор яке аз василаҳои мубориза бо қувваҳои бадӣ дониста мешуд[62].

Дар худи «Готҳо» дар баробари Аҳура Маздо ду рӯҳи ҳамзод мавҷуданд, ки якеашон тимсоли ростӣ ва дигаре таҷассуми дурӯғ мебошад. Дар қисмати «Ясной Ҳафтбоба»-и «Авесто» мавзӯъҳои бисёрхудоӣ (политеистӣ) хеле зиёданд. Дар ин ҷо на танҳо Аҳура Маздо ва тазоҳуроти ӯ, балки оташ, об, бод, замин, ҳаво, равони чорпоён ва ғайра ситоиш мешаванд[63].

Дар байни маҷмӯи худоҳои авестоӣ аз ҳама машҳур ва ситоишшаванда худои офтоб ва равшанӣ Митра – ҳимоятгари пурзӯри размкунандагон, бахшандаи пирӯзӣ ва боз олиҳаи серҳосилӣ ва обҳои равон Ардвисура Анаҳито буданд. Дар маросими ибодат ба ин олиҳа хусусиятҳое маҳфуз монда буданд, ки ба давраи модаршоҳӣ мерасиданд[64].

Аз одобу русуми зардуштия расми гӯрондани мурдаҳо (ҳоло ҳам дар байни порсиёни Ҳинд маъмул аст) ҷиҳатҳои ба худ хосе дорад. Колбади мурда дар дахма гузошта мешавад ва гӯшташ туъмаи парандагон мегардад. Устухонҳои ба ин тарз аз гӯшт тозакардашуда дар зарфҳои махсус – оссуарийҳо (устадонҳо) нигоҳ дошта мешаванд. Ин расм, ки шаклан аз зардуштия пештар ба вуҷуд омадааст, бо қоидаҳои асосиаш ба зардуштиён бор карда шуд ва барои пайравони он ягона расми имконпазир гардид. Зиддияти байни зиндагӣ ва марг яке аз зиддиятҳои асосӣ дар системаи таълимоти дуалистии зардуштия ба шумор мерафт. Зиндагӣ неъмати бахшидаи мабдаи некӣ, марг бошад, бадии

---

[62] Очеркҳои умумиро ниг.: Duchesne-Guillemin J., 1962, p. 71-223; Widengren G., 1965, 5. 7-110 (рӯйхати муфассали библиографӣ дар ҳамон ҷо).

[63] Gershevitch I., 1964, p. 12-15.

[64] Gershevitch I., 1959 (адабиёти муфассал дар ҳамон ҷо); Ringbom L. -I., 1957 (ахбори ноқис, вале манфиатнок).

офаридаи Аҳриман буд. Тани пайрави дин, ки дар зиндагиаш ифодаи мабдаи нек буд, пас аз марг нопок, ифодаи мабдаи бадӣ мегардад. Дар баробари ин ситоиши оташ, замин, об қатъиян нопок кардани онҳоро манъ мекард. Аз ин рӯ, ба хок супурдан ва ё сӯзондани мурда расм набуд (гарчанде пеш аз ин сӯзондани мурда маъмул буд, ба ин худи калимаи «дахма», ки одатан онро ҳамчун «ҷойи сӯзондан» маънидод менамоянд, ишорат мекунад)[65].

Таълимоти зардуштӣ шуғли деҳқонӣ ва чорводориро вазифаи муқаддас ва кори пуршуҷоат медонист ва пайравони худро ба ин амр водор менамуд.

Дар фасли севуми «Видевдод» гуфта мешавад, ки макони хайру эҳсон ва шодиву хуррамӣ «ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан ва оташкада сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои рама бошанд. Он гоҳ ба ин макон хайру баракат рӯ оварда, ҳайвонот ва саг, зан ва кӯдак, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат осуда ва эмин хоҳад буд... Ин ҳамон ҷост, ки бандагон бисёртар ғалла, алаф, наботот ва меваҳои хӯрданӣ мекоранд, замини хушкшударо шодоб ва замини хеле намро хушк мекунанд, ба миқдори хеле зиёд ҳайвоноти калон ва хурдро парвариш менамоянд... ва ин ҳайвонот поруҳои ниҳоят бисёре медиҳанд» (фикраҳои 2-6).

Дар ин ҷо барои гузаштан ба чорводорӣ ва зиндагии муқимӣ ва махсусан ба хоҷагии зироаткорӣ ошкоро даъват карда шудааст.

Боз дар ҳамон фасл гуфта мешавад: «Он касе, ки бо дасти чапу рост ва росту чап заминро меронад ва мекорад, ба замин фоидаи бисёр меорад. Ин ба шавҳари дӯстдоре монанд аст, ки барои зани маҳбубаи дар бистари нарму музайян ба роҳат хобидааш фарзанд ва ё неъмати дигар мебахшад... Замин ба он кас хитоб мекунад: «Эй одаме, ки маро бо дасти чапу рост ва росту чап меронӣ ва кишт мекунӣ..., дар ҳақиқат, ман монда нашуда тавлид мекунам, ҳамеша ҳосили фаровон ва ҳама гуна хӯрокворӣ муҳайё месозам. Касе, ки ғалла мекорад, гӯё тухми некӣ мепошад» (фикраҳои 25 – 26,31).

Дар «Готҳо» ба чорводорӣ низ диққати калоне дода шудааст. Пайғамбар ба Аҳура Маздо рӯ оварда мегӯяд: «Ту ҳамоне ҳастӣ, ки... барои мо ин неъмати бузург – чорворо офаридӣ» (47,3). Мо дар ин ҷо бисёр порчаҳоеро дучор мекунем, ки дар бораи чорво, нигоҳубини чорво, муҳофизати чорво ва ҳимояи чорводорони бегуноҳ аз ҳуҷуми даррандагон сухан меравад. «Ситоиши Аҳура Маздо ва сер кардани чорворо мо аз ҳама афзал медонем» (35,7)[66].

Маҳз дар қадимтарин қисми «Авесто» даъват ба меҳнати деҳқонӣ, инъикоси тасаввурот ва афсонаҳои халқӣ ва ғайра дида мешавад. Вале «Авесто» дар сурати мукаммал, ҳамчун асари давраҳои хеле баъдина ба назар мерасад, давраҳое, ки таълимоти зардуштӣ муқаддас ва қонунӣ эълон гардида, ба дину оини давлатӣ, ки ҳокимияти подшоҳро парастида, ҳукмронии ашроф ва рӯҳониёнро бар оммаи меҳнаткаш раво медонист, табдил меёбад.

Барои омӯхтани таърихи қадими аҷдоди халқи тоҷик маълумоти этнографӣ низ аҳамият дорад. Дар маишат ва тарзи зиндагии пешазреволютсионии тоҷикон, махсусан тоҷикони кӯҳистон бисёр

[65] Инострансев К.А., 1909; Ставиский Б.Я., 1952; Herzfeld E., 1947, II, p. 747–748; Humbach H., 1961; Рапопорт Ю.А., 1971.
[66] Абаев В. И., 1956, с. 23-56.

боқимондаҳои муносибати ҷамоати ибтидоӣ маҳфуз монда буд. Чунончи, хонаҳои калони умумӣ дар деҳаҳои Дарвоз ва Қаротегин яке аз нишонаҳои он мебошад. Аз бисёр бақияҳои парастиши оташ аловхона, яъне ҷое, ки аҳолии мардинаи қишлоқ дар гирди оташ ҷамъ омада, зиёфат меоростанд, ниҳоят паҳн гардида буд. Дар санъати сафолсозӣ ва бинокорӣ бисёр хусусиятҳои қадима нигоҳ дошта шудаанд. Машҳуртарин гуфторҳои бостонии доир ба қаҳрамонӣ ривоятҳо дар васфи Рустам мебошад. Одатан, тоҷики кӯҳистонӣ ба коре шурӯъ намуда, пеш аз ҳама, «Рустам, мадад кун!» мегӯяд. Тиру камон «камони Рустам» ном гирифтааст. Як қатор урфу одатҳо аз маҳфуз мондани бақияҳои давраи модаршоҳӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҳунари кулолӣ ва санъати бинокорӣ бисёр ҷиҳатҳои анъанавии қадима боқӣ мондаанд.

# ФАСЛИ ДУВУМ

# АҶДОДИ ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ ТАРАҚҚИЁТИ МУНОСИБАТҲОИ ҒУЛОМДОРӢ

# БОБИ ЯКУМ

# ОСИЁИ МИЁНА ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШИҲО

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ VI – ИБТИДОИ АСРИ V ПЕШ АЗ МИЛОД

### Ба вуҷуд омадани давлати Ҳахоманишиҳо

Пайдоиши нахустин падидаҳои давлат дар Эрон ба асрҳои IX–VII пеш аз милод тааллуқ дорад[1]. Дар ин асрҳо аксари ноҳияҳои Эрони ғарбӣ ба ҳайати давлатҳои Ошур ва Урарту дохил мешуд (вилоятҳое, ки баъдтар маркази салтанати мидиҳо гардидаанд, дар таҳти тасарруфи давлати Ошур буданд; тоифаҳои форсии ҷанубу ғарби Эрон, ки аввалҳо ба подшоҳии Аллом ва баъд ба Ҳахоманишиҳо итоат мекарданд, тақрибан дар соли 640 пеш аз милод тобеияти худро нисбат ба Ошур эътироф намуданд). Дар асрҳои VIII–VII қисмати муҳимми хоки шимолу ғарби Эрон дар зери идораи давлати подшоҳии Монӣ муттаҳид гардид.

Тоифаҳои эронизабон дар марҳилаҳои аввали нуфузи худ ба Эронзамин (аз охири ҳазораи II – ибтидои ҳазораи I пеш аз милод) ҳанӯз ба ҳамон дараҷаи тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ, ки таъсиси иттиҳодияе мисли давлат имкон медода бошад, нарасида буданд. Фақат баъдтар дар асоси ин тоифаҳо ва ба онҳо омехтани аҳолии маҳаллии як қатор вилоятҳои Эрон тамаркузи (консолидатсияи) унсурони эронизабон ба амал омада, дар натиҷаи инкишофи он дар чоряки дувуми асри VII пеш аз милод давлати подшоҳии Мидӣ таъсис меёбад, ки аввалҳо дар ҳудуди ноҳияи Экботан (Ҳамадон) ва чанде аз вилоятҳои ҳамсоя қарор гирифта, пас аксарияти вилоятҳои Эрон (аз ҷумла, вилояти Форс), хоки давлатҳои Монӣ ва Урарту, як идда ноҳияҳои тобеи давлати Ошур, қисмати шарқии Осиёи Хурдро тасарруф намуд[2]; ҳудуди он дар шарқ то сарҳадди Осиёи Миёна расида буд.

Дар миёнаҳои асри VI пеш аз милод ба ҷойи давлати Мидӣ давлати Ҳахоманишиҳо ба вуҷуд меояд. Бо зуҳури давлати ҷаҳонии Ҳахоманишиҳо ҳамон равандҳои хоси давраи гузашта (асрҳои IX–VI пеш аз милод), ки тамоюли ба як давлат муттаҳид кардани халқу кишварҳои мухталифи Шарқи

[1] Ба истиснои ноҳияҳои ҷануби ғарби Эрон, ки дар он ҷо ҳанӯз дар нимаи дувуми ҳазораи III пеш аз милод давлати Аллом ба вуҷуд омада буд.

[2] Беҳтарин тадқиқоти оид ба таърихи давлати Мидӣ асари И.М. Дяконов (1956) мебошад, ҳамчунин ниг.: Алиев И., 1960. Аз асарҳои хориҷиён: Cameron G., 1936.

бостониро (чунонки давлатҳои Ошур, Урарту, Мидӣ ва Бобули Нав муттасил вусъат меёфтанд) ифода менамуд, ба анҷом расиданд.

Бунёди давлати Ҳахоманишиҳоро подшоҳи тоифаҳои форс Куруши II гузошт, ки пештар чун вассал ба салтанати Мидӣ тобеъ буд. Ӯ дар натиҷаи муборизаҳои сахт ва дурудароз на фақат аз тобеият халос шуд, балки дар соли 550 пеш аз милод давлати Мидиро тамоман торумор намуда, ба зери итоати худ даровард. Вай дар баробари унвони подшоҳи Форс унвони подшоҳи Мидиро ҳам соҳиб шуд[3].

Куруши II ҷангҳои зиёде кардааст. Ӯ аввал тамоми мулкҳои тобеи давлати Мидиро тасарруф намуд. Сипас, дар соли 547 ё 546 пеш аз милод давлати юнонии Осиёи Хурд – Лидияро, ки мамлакати пурсарвате буд, ба салтанати худ тобеъ кард[4].

### Футуҳоти Куруши II дар Осиёи Миёна

Натиҷаҳои давраи аввали фаъолияти Куруши II ин буд, ки давлати Ҳахоманишӣ ба иқтидори бузурге соҳиб гардид, нуфуси мамлакат ва манбаъҳои моддии он афзуд. Ҳамаи ин барои амалӣ гардидани ниятҳои Куруш дар бобати ба вуҷуд овардани давлати паҳновари фарогирандаи тамоми Осиё шароит ва имконият муҳайё сохт.

Пас аз фатҳи Лидия, ба қавли Геродот (I, 153), «дар сари роҳи Куруш кишвари Бобул, мардуми бохтар, сакоиҳо ва мисриён қарор гирифта буданд, ки дар набардҳои зидди онҳо ӯ мехост шахсан худаш сардорӣ кунад, аз ин рӯ, ба ҷанги зидди иониҳо сарлашкари дигареро фиристод». Чунин нақшаи Куруш тасодуфӣ набуд: аз афташ, ӯ дар бораи иқтидор ва омодагии ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна вуқуфи комил дошт. Бинобар ин, ӯ дар ин сафарҳои ҷангӣ фармондиҳии қӯшунро, ҳатто ба наздиктарин сарлашкарони худ ҳам бовар карда супурда наметавонист.

Мо дар бораи он ки истилои Осиёи Миёна чи гуна сурат гирифт, чизе ба яқин намедонем. Вале ҳаминаш маълум аст, ки истилогарон дар роҳи расидан ба ниятҳои худ бераҳмиҳои аз ҳад зиёде кардаанд. Чи навъе ки Геродот хабар медиҳад (I, 177), «Қисми зиёди аҳолии Осиёи поёнро Гарпаг ва Осиёи болоро худи Куруш, ки халқҳои онро паси ҳам, ба ҳеҷ яке раҳм накарда, ба асорат дучор мекард, аз дами теғ гузарониданд». Муаррихи Бобули асри III пеш аз милод Беросс ҳамчунин хабар медиҳад, ки Куруш танҳо пас аз мутеъ кардани тамоми Осиё ба Бобул лашкар кашид. Ҳамаи ин далелҳо нақлу ривояти Николаи Димишқиро («Таърих», 75) дар хусуси ин ки пас аз ғалабаи Куруши II бар давлати подшоҳии Мидӣ гӯё сатрапи Гиркон ба пойи худ омада, изҳори итоат карда бошад ва «сипас, сатрапҳои портҳо, сакоиҳо, бохтариҳо ва соири халқҳо паси ҳам, яке пештар аз дигаре омада, дар назди ӯ ба замин зону зада бошанд», комилан рад мекунанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо иштибоҳи маҳз аст, зеро

[3] Дяконов И.М., 1956, с. 417–422.

[4] Тадқиқи муфассали таърихи онвақтаи Эрон асари М.Дандамаев аст: Дандамаев М.А., 1963 а. Нақли батафсили таърихи сиёсӣ: Olmstead A. F., 1959. Назари мо доир ба таърихи иҷтимоӣ-иқтисодии давлати Ҳахоманишӣ дар асари муаллиф (Ғафуров Б.Ғ., 1966; 1971) муфассалтар баён ёфтааст.

бохтариҳо ва сакоиҳо ба ҳайати давлати Мидӣ намедаромаданд ва онҳоро тасхир кардани Куруш ҳоло дар пеш буд. Ин гуфтаҳо, зоҳиран, дар ҳаққи дигар вилоятҳо ҳам нодуруст аст. Дар ин бобат ахбори Трог дар нақли Юстин (1, 7, 2) ба ҳақиқат наздиктар аст: «Давлатҳое, ки пеш тобеи мидиҳо буданд, тағйири ҳокимиятро тағйироти вазъи худ пиндошта, аз Куруш ҷудо шуданд; ин барои Куруш баҳонае гардид, ки ба ҷангҳои сершумор оғоз намояд».

Баъзе тафсилоти футуҳоти Куруши II дар Осиёи Миёна аз тарафи Ктесий (фиқраи 9/29) низ баён ёфтааст. Ӯ хабар медиҳад, ки Куруш «бо бохтариҳо меҷангид, вале дар муҳориба бартарии ягон тараф аён нагардид». Фақат пас аз он ки бохтариҳо аз устувории вазъияти сиёсии дохили давлати Ҳахоманишӣ огоҳ шуданд, «ихтиёран» ба Куруш сари итоат фуруд оварданд.

Махсусан, маълумоти навиштаҷоти кӯҳи Бесутун[5], ки бо амри Дорои I сабт шудааст, аҳамияти калоне дорад. Аз ин навиштаҷот роҷеъ ба ҳайати давлати Ҳахоманишӣ то замони ҷулуси Дорои I бисёр мадракҳои баҳснопазир ба даст овардан мумкин аст. Дар айни замон бояд дар назар дошт, ки дар фосилаи байни вафоти Куруши II ва ба тахт нишастани Дорои I, яъне дар солҳои 530–522 пеш аз милод Ҳахоманишиҳо на ин ки ба тобеъ кардани вилоятҳои нави Осиёи Миёна, балки ба фатҳи Миср ва умури дохилии давлати худ машғул буданд[6]. Доро дар сутуни аввали навиштаҷоти мазкур: «Ин аст он кишварҳое, ки бо меҳрубонии Аҳура Маздо насиби ман гардидаанд» мегӯяд ва аз ҷумлаи ин кишварҳо Порт, Ориё, Хоразм, Бохтар, Суғд ва ҳамчунин вилоятҳои ҷануби Афғонистон ва шимолу ғарби Ҳиндустон: Қандаҳор, Сатагидия, Арахосия ва дар миёни ду вилояти аввал «Сака»-ро (эҳтимол, сакоиҳои ҳавмаварға дар назар дошта шуда бошад) ном мебарад. Дар сарчашмаҳои Юнони Қадим ахборе (Плиний, VI, 23) мавҷуд аст, ки Куруш Каписаро (муҳаққиқон, одатан, онро ба маҳалли Багроми назди Кобул нисбат медиҳанд) хароб намуд[7].

Дар асоси хулосаи он далелу мадракҳои хеле кам, ки мо дар даст дорем, метавон тахмин кард, ки ба Куруши II фатҳи Порт, Бохтар, Хоразм, Суғд ва кадом як қисмати сакоиҳо, яқинан сакоиҳои ҳавмаварға, муяссар гардидааст[8]. То куҷоҳо тӯл кашидани ҳудуди давлати Ҳахоманишӣ дар қисмати шимолу шарқ ба мо маълум нест. Як вақтҳо чанде аз муҳаққиқон ба баъзе сарчашмаҳои баъдина, ки бунёди шаҳри Кирополро ба Куруш нисбат медоданд, истинод намуда, то Фарғона расидани ҳудуди давлати Ҳахоманиширо тасдиқ карданӣ мешуданд. Вале ин иддао дар асоси таҳқиқу таҳлили мадракҳои забонӣ то андозае аҳамияти худро аз даст дод. Чунин мулоҳизае баён ёфт, ки шаҳр, дарвоқеъ, Куру-(ш)-ката ном дошта, қисми аввали калима мумкин аст номи қабила бошад ва юнониҳо ин калимаро каме дигар карда, Кирэсхата хондаанд[9].

---

[5] Нашри катибаҳо: Kent R.G., 1953, p. 116-134. (матн ва тарҷумаи англисӣ); тарҷумаи пурраи русӣ: Дандамаев М. А., 1963, с. 262-270.

[6] Дандамаев М.А., 1963 а, с. 116 ва мобаъд.

[7] Массон В.М., Ромодин В.А., 1964, с. 58.

[8] ИТН, I, с. 190-192.

[9] Benveniste Ӯ., 1934, 1947, p. 163-164. Ниг.: таҳлили муфассал, Б.А.Литвинский; ИТН, I, с.528. Навтарин таҳлили забоншиносӣ; Eilers W., 1964 s. 180-236 (хусусан аз ҷиҳати ареал муҳим аст); Абаев В. И., 1967, с. 286-291 (этимологияи муътамад).

## Куруш ва Томирис.
## Шикасти қӯшуни Ҳахоманишӣ

Дар соли 539 пеш аз милод Куруши II Бобулро сарнагун карда ба қасди истилои Миср афтод. Аммо вазъияти сарҳади шимолу шарқии давлат, яъне Осиёи Миёна ӯро доимо ба ташвиш андохта, ба сафари Миср монеъ мешуд. Ниҳоят ӯ дубора ба сӯйи Осиёи Миёна ҳаракат кард, то хавфи ақибгоҳи худро бартараф намояд. Куруш дар садади торумор кардани бодиянишинони муқтадири Осиёи Миёна худ дар сари қӯшун қарор гирифта, ба набарди зидди онҳо рафт.

Аксари муаллифони қадим роҷеъ ба ин ҷангҳои Куруш маълумот медиҳанд, аммо ҳар кадоми онҳо воқеаро ба таври худ баён менамоянд. Яке мегӯяд: Куруш аз дарёи Аракс убур карда, ба сарзамини массагетҳо дохил шуд, ки сарвари онҳо малика Томирис буд. Дигаре ҳам тақрибан ҳамин тавр нақл мекунад: Куруш бо скифҳо, ки дар сари онҳо Томирис меистод, ҷангҳо кард. Севумӣ чунин меоварад: Куруш бо дарбикҳо задухӯрд намуд. Ниҳоят, ривояти дигаре ҳаст, ки аз ҷангидани Куруш дар «даштҳои дайҳо» хабар медиҳад[10].

Геродот, Трог-Юстин ва дигар муаллифонро дар бораи ин ҷангҳои Куруш ва натиҷаи онҳо ҳикоятҳои муфассале ҳаст. Ба тариқи мисол аз ҳикояти Трог-Юстин мазмунан фиқраи зеринро меоварем: Куруш Осиёро тасхир ва тамоми Шарқро ба ҳокимияти худ мутеъ намуда, ба ҷанги зидди скифҳо рафт. Он вақт ҳукмрони скифҳо Томирис буд. Вай бо вуҷуди зан буданаш, бархилофи чашмдошт, аз ҳамлаи душман наҳаросид. Томирис метавонист пеши роҳи убури қӯшуни душманро аз дарёи Окс бигирад, аммо вай ин тавр накард, ба гузаштани душман имкон дод. Зеро малика ба чунин мулоҳизае расида буд, ки дар ҳудуди давлати худ бо душман ҷанг кардан барояш осонтар аст, вале барои душман, ки дарё пеши роҳашро бастааст, гурехта ҷон ба саломат бурдан амри маҳол хоҳад шуд. Куруш қӯшуни худро аз дарё гузаронид ва чанд фарсах ба дарунтари мамлакати скифҳо даромада, дар ҷое таваққуф намуд. Рӯзи дигар мисли ин ки аз тарс фирор мекарда бошад, дафъатан ӯрдугоҳро тарк кард ва гӯё аз саросемагӣ ба қадри фаровон май ва тамоми асбоби зиёфатро партофта рафт. Вақте ки инро ба малика гуфтанд, вай писари ҳанӯз ҷавони худро бо сеяк ҳиссаи лашкари скифҳо барои таъқиби душман фиристод. Ҷавони кори ҳарбро наозмуда, ҳамин ки қадам ба ӯрдугоҳи душман ниҳод, худро на дар майдони разм, балки дар саҳни базм дарёфт, душманро фаромӯш кард ва гузошт, ки сарбозони барбарии шаробнадида аз майхӯрӣ масти лояъқил шаванд ва май онҳоро пештар аз силоҳи адӯ ба мағлубият дучор гардонид. Чун Куруш аз ин ҳол воқиф шуд, шабонгаҳ пас гашт ва ин сарбозони масти афтода ва оҷизу нотавонро ҳамроҳи писари малика сар аз тан ҷудо кард. Томирис ин қадар қӯшунро ва аз ҳама аламноктар ягона фарзанди дилбанди худро аз даст дода, тасаллои дили пурдарди худро на дар ашкҳои сӯзон, балки дар интиқоми ҷонситон дид ва мисли ҳамон тадбири душмани маккор, ки ҳоло дар нишоти барори дирӯза кайфу сафо дорад, тадбир андешид. Вай чунон вонамуд кард, ки гӯё пас аз ин зарбаи сахт ба қувваи худ бовар надорад ва роҳи гурезро пеш

[10] Таҳлили манбаъшиносӣ: Пянков И.В., 1964.

гирифта, Курушро бо ҳила аз дунболи худ ба тангнои кӯҳ кашид, ки пешакӣ дар камарҳои он сарбозони худро ба камин нишонда буд. Томирис дар ин ҷо қӯшуни 200 000-нафараи форсро ҳамроҳи подшоҳашон маҳв намуд. Ҳатто ягон пайке ё ҷондоре, ки форсҳоро аз ин шикасти даҳшатангез огоҳ мекарда бошад, боқӣ намонд. Малика амр кард, ки сари буридаи Курушро ба машки бо хуни одамӣ пуркардашуда андозанд ва худ бо чунин суханон бераҳмии ӯро маҳкум намуд: «Инак сер шав аз хуне, ки ту ҳамеша ташнаи он будӣ ва ҳеҷ гоҳ аз он сер намешудӣ» (Юстин, I, 8, 1-13).

Ҳикояти Геродот (а, 205-214) боз ҳам муфассалтар аст. Аз он маълум мешавад, ки Куруш аввал ба воситаи фиристодагони махсуси Томирис ба малика заношӯ шуданро пешниҳод карда будааст. «Лекин Томирис,– менависад Геродот, – на хостгори вай, балки хостгори салтанати массагетҳо будани Курушро пай бурда, ин пешниҳодро рад намуд» (I, 205). Писари Томирисро «Спаргапис» меномиданд (I, 211) вай кушта нашуда, балки асир афтода, худашро кушта будааст (I, 213). Доир ба муҳорибаи массагетҳо ва қӯшуни ҳахоманишӣ чунин нақл карда мешавад: «...Ин муҳориба аз тамоми задухӯрдҳое, ки барбариҳо иштирок доштаанд, шадидтар буд. Аз рӯйи шунидам, вай ин тариқа рӯй додааст: аввал ҳарду қӯшун аз масофаи дуртар истода ба якдигар аз камон тир паррондаанд, сонӣ, вақте ки тири камон тамом шудааст, ба ҷанги тан ба тан гузашта, найзаву шамшерзанӣ кардаанд. Қӯшунҳо муддати дурудароз ба ҳам муқобил истода, ҳеҷ яке аз тарафҳо ба гурез рӯ наниҳодааст. Ниҳоят, массагетҳо ғалаба ба даст овардаанд. Бештарин қисмати қӯшуни форс дар майдони ҷанг нобуд гардида, худи Куруш ҳам кушта шудааст» (Геродот, I, 214). Страбон ба (XI, 8, 5) ин ахбор чунин як маълумоти хеле муҳимро илова менамояд, ки дар вақти ин ҷанг душманони бодиянишини Куруши II (ӯ онҳоро сакоӣ меномад) қӯшуни ҳахоманиширо ду бор шикаст доданд.

Масъалаи аниқ муайян кардани самти ҳаракати Куруши II ва маҳалли ҷангҳои ӯ хеле мураккаб аст. Баъзеҳо тахмин мекунанд, ки ин Сирдарё, Амударё ва ё Узбой аст. Шояд маҳалли охирӣ ба ҳақиқат наздиктар бошад[11].

Аз тарафи массагетҳо шикаст хӯрдани Куруш дар охири июлу ибтидои августи соли 530 пеш аз милод воқеъ шудааст, ки ин ягона санаи яқинан муқарраршудаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна мебошад[12].

Чунонки М.М.Дяконов менависад: «Куруш яке аз барҷастатарин симоҳои таърихи қадим буд»[13]. Ин, бешубҳа, ҳақ аст, зеро Куруш дар фаъолияти худ, ҳамчун ифодакунандаи бисёр тамоюлҳои пешқадами замони худ баромад мекард. Илова бар ин, захираҳои фаровони давлати паҳновари Ҳахоманишӣ, кӣ тӯли он аз Осиёи Хурд то водии Ҳинд кашида мешуд, дар ихтиёри ӯ буд. Ба ин ҳама нигоҳ накарда, ӯ дар мубориза бо бодиянишинони Осиёи Миёна на

---

[11] Herrman A., 1914, s. 19; Пянков И.В., 1964, с. 126-130; муқ. Струве В.В., 1968, с. 51-66.

[12] Ин сана аз ҳуҷҷатҳои бобулӣ муқаррар мегардад: ҳуҷҷати охирин аз номи Куруши Сонӣ 12 августи соли 530 қабл аз милод, ҳуҷҷати аввал аз номи Камбуҷиё 31 августи соли 530 қабл аз милод сабт шудааст. Аз ин маълум мешавад, ки хабари ҳалокати Куруш ба Бобул дар миёна ва ё нимаи дувуми ҳамин моҳ расида будааст (Parker R. and Dubberstein W.H., 1956, p. 14; Дандамаев М.А., 1963 а, с. 117). Санаи дигар, яъне соли 529, ки гоҳо дучор меояд (масалан, Массон В.М., Ромодин В.А., 1964, с. 57) нодуруст аст.

[13] Дяконов М. М., 1961, с. 79.

фақат ба шикасти сахт дучор шуд, балки худаш ҳам ҳалок гардид. Ин ҷо асли гап на дар ноомади кор ва на дар бахти ноустувор аст. Мардумоне, ки барои муҳофизати озодӣ ва истиқлолияти худ камар бастаанд, тамоми қувваи худро ба муқобили душман сафарбар менамоянд. Тимсоли чунин муборизаҳои қаҳрамонона чи дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва чи умуман дар таърихи ҷаҳон бешумор аст.

## Шӯриши зидди Ҳахоманишиҳо дар аҳди Дорои I

Ғалабаи бодиянишинони Осиёи Миёна бар Куруши II дар ҳалли тақдири давлати Ҳахоманишӣ роли калоне бозид. Аз як тараф, бунёдгузори тавонои давлати Ҳахоманишӣ кушта шуд, аз тарафи дигар, писар ва валиаҳди ӯ Камбуҷиё маҷбур гардид, ки сафари ҷангии кайҳо муқарраршудаи Мисрро мавқуф гузорад[14]. Дертар Камбуҷиё ба ҳар ҳол ба Миср лашкар кашида, ин мамлакатро ҳам ба тахти тасарруфи Ҳахоманишиҳо даровард.

Дар соли 522 пеш аз милод ҳокимияти Эронро яке аз намояндаҳои сулолаи ҳахоманишӣ Дорои I ба даст даровард (ӯ то соли 486 салтанат рондааст). Бесарусомониҳои хонадони подшоҳӣ ва муборизаҳои тоҷутахтталабӣ, ки дар муҳити буҳрони сиёсиву иҷтимоӣ ба вуқӯъ меомад, ба парешонии давлати ҳахоманишӣ ва сар задани ҷунбишҳои истиқлолиятхоҳонаи як қатор вилоятҳо оварда расонид. Дар навиштаҷоти машҳури кӯҳи Бесутун, ки Доро ба мақсади ҷовидон гардонидани корҳои худ сабт кардааст, аз хусуси фурӯ нишондани чунин ошӯбҳо ба таври муфассал нақл карда мешавад.

Халқҳои Осиёи Миёна ҳам барои аз дӯш барандохтани юғи асорати Ҳахоманишиҳо аз ин фурсат истифода намуданд. Порт, Марғиён ва мамлакати сакоиҳо сар бардоштанд (навиштаҷоти Бесутун, 6-8). Шӯриш махсусан дар Марғиён вусъати зиёд пайдо кард. Дорои I дар навиштаҷоти Бесутун (катибаи Бесутун, III, 10-12) дар ин бора чунин нақл мекунад: «Доро гӯяд: кишвари Марғиён ба ошӯб омад. Якеро бо номи Фради Марғиёнӣ сардор хонданд. Пас, ман як марди форсро бо номи Додоршиш, банда ва волии ман, ба Бохтар фиристода, ба ӯ гуфтам: «Бирав ва мағлуб соз лашкареро, ки худро на лашкари ман гӯяд». Сипас, Додоршиш бо қӯшун бирафт ва бар сари Марғиёниён битохт. Аҳура Маздо ба ман мададгор шуд. Бо марҳамати Аҳура Маздо қӯшуни ман лашкари ошӯбгаронро торумор намуд. Рӯзи 23-и моҳи ассиядия ҷанг оғоз шуд». Пас аз ин, Доро мегӯяд (навиштаҷоти Бесутун, III, 19-20) «кишвар мутеи ман гардид».

Санаи ин навиштаҷот мутобиқи 10 декабри соли 522 пеш аз милод аст[15] ва ин ҳам мисли санаи шикасти Куруш аз қадимтарин санаҳои аниқ муайянгардидаи таърихи СССР ба шумор меравад.

Қӯшуни ҳахоманишӣ бо сардории волии Бохтар шӯришро бераҳмона пахш кард, дурусттараш ба хун ғарқ намуд. Тибқи ривояти бобулӣ ва нусхаи оромии навиштаҷоти Бесутун 55 ҳазор кушта ва 6,5 ё 7 ҳазор кас асир гирифта шуд[16].

---

[14] Дандамаев М. А.. 1963 а, с. 116-117.

[15] Ба тадқиқи ин шӯриш асари махсуси В.В. Струве «Шӯриши Марғиён дар аҳди Дорои I» (Струве В.В., 1949) мавҷуд аст.

[16] Струве В.В., 1949, с. 24.

Пешвои шӯришгарон Фрад аввал раҳоӣ ёфт, вале баъд аскарони ҳахоманишӣ ӯро ҳам дастгир карданд. Шӯришҳои Порт ва кишвари сакоиҳо низ бераҳмона фурӯ нишонда шуд.

Дорои I дар соли севуми салтанати худ (соли 519/518 пеш аз милод) махсус ба муқобили сакоиҳои тиграхуд лашкар кашид (навиштаҷоти Бесутун, V, 20-30). Дар муҳориба сакоиҳо шикаст хӯрданд. Қисме аз онҳо асир афтод. Дар миёни асирон пешвои сакоиҳо Скунҳа ҳам буд. Дорои I барои сакоиҳо пешвои дигар таъйин намуд[17].



**Сарулибоси мардуми Осиёи Миёна дар асри V то милод (аз рӯйи нақшаҳои ҳахоманишӣ)**
**1 – сакоии тиграхӯд, 2 – бохтарӣ, 3 – суғдӣ, 4 – хоразмӣ**

Муаллифи Юнони Қадим Полиен (XII, 12) дар асоси ривоятҳои то ба ӯ расидаи сакоӣ роҷеъ ба як лавҳаи муборизаи диловаронаи сакоиҳо чунин нақл мекунад: Дорои I бо қӯшуни сершуморе ба муқобили онҳо равона шуд. Замоне ба ӯрдугоҳи ӯ саиси сакоӣ Шерак омад. Аъзои баданаш маъюб, рӯяш аз ҷароҳат баднамо, гӯшу биниаш бурида буд. Шерак арз кард, ки ҳамқавмонаш ҳамин тариқа ҷазояш доданд ва инак, ӯ ташнаи ниқор аст. Ӯ роҳбаладиро ба зимма гирифта, ваъда кард, ки қӯшуни форсҳоро бо пайраҳаҳои фақат ба худаш маълум якбора ба ақибгоҳи сакоиҳо мерасонад. Пас аз ҳафт рӯзи роҳи пурмашаққат аскарони форс ба биёбони хушку холӣ баромада монданд. Онҳоро хавфи ҳалокат таҳдид мекард. Форсҳо фиреб хӯрдани худро

[17] Струве В.В., 1968; Дандамаев М.А., 1963 б.

фаҳмиданд. Шерак, дар ҳолате ки душман ба сараш теғ мекашид, бо ифтихор ҷавоб дод: «Ман ғалабаро ба даст овардам, зеро барои аз сари ҳамватанони худам – сакоиҳо дур кардани фалокат форсҳоро аз гушнагиву ташнагӣ ба ҳалокат супурдам». Форсҳо сари саисро аз тан ҷудо карданд. Ин сафари ҷангии Дорои I, чи навъе ки аз гуфтаҳои Полиен бармеояд, бемуваффақият анҷом ёфт.



**Сакоии сарбоз дар Помири Шарқӣ (асрҳои VII-V то милод) (аз рӯйи мадракоти дахмаҳо)**

## 2. ҶАМЪИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ V–IV ПЕШ АЗ МИЛОД

### Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Ҳахоманишӣ

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, қисмати муҳимми Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Ҳахоманишӣ қарор гирифта буд. Дар навиштаҷоти Тахти Ҷамшед қайд шудааст, ки давлати Ҳахоманишӣ аз сарзамини «сакоиҳои паси Суғд» то Кӯш (Эфиопия) масоҳати бузургеро ишғол мекард. Бо чунин ақида мумкин аст розӣ шуд, ки «сакоиҳои паси Суғд» ҳамон сакоиҳои он сӯйи дарёи Сир мебошанд, яъне, онҳое, ки дар ҷараёнгоҳи боло ва қисман миёнаи ин дарёи Осиёи Миёна зистаанд[18]. Хоразм, Суғд, Бохтар, Порт, аксари вилоятҳое,

[18] Литвинский Б.А., 1960, б, с. 91-92.

ки сакоиҳои бодиянишин сукунат доштанд,– ҳама дар овони нашъунамои давлати Ҳахоманишӣ ба ҳайати он дохил мешуданд.

Бохтар то охирин лаҳзаҳои мавҷудияти давлати Ҳахоманишӣ дар таҳти тасарруфи он буда, муҳимтарин маркази шарқии ин давлат ҳисоб меёфт. Нуфуси зиёд ва имкониятҳои фаровони иқтисодию ҳарбии Бохтар ва вилоятҳои тобеи он мавқеи ин кишварро дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии тамоми қисмати шарқии давлати Ҳахоманишӣ муайян мекард. Аҳамияти Бохтар дар мубориза ҳои сулолавӣ барои тахти шаҳаншоҳӣ низ хеле бузург буд. Зоҳиран, аъёну ашрофи бохтарӣ сиёсати ҷудоиталабиро ҷорӣ карда, дар айни замон, гоҳо тарафи ин ва ё он даъвогари тахтро мегирифтанд ва кӯшиш мекарданд, ки дар умури давлат баробари форсҳо мавқеи роҳбарикунанда дошта бошанд[19].

Тамоми давлати Ҳахоманишӣ ба вилоятҳои молиётдиҳандаи ҳарбӣ, яъне сатрапиҳо тақсим гардида буд, ки онҳоро волиҳо (сатрапҳо) идора мекарданд. Чи навъе ки Геродот хабар медиҳад (III, 89-94), дар аҳди Дорои I (522–486 пеш аз милод) шумораи ин қабил вилоятҳо ба 20 мерасид. Волиҳо, ки бевосита ба подшоҳ итоат мекарданд, аксаран аз байни форсҳо таъйин карда мешуданд. Вазифаи волӣ асосан аз ҷамъоварии андоз ва нигаҳдории қӯшун иборат буд[20]. Вай инчунин ҳақ дошт бо ҳамсоягони итоатнакарда муносибат намояд ва бо ризоияти подшоҳ метавонист, ҳатто бар зидди онҳо лашкар кашад. Мансаби волӣ бештар меросӣ буд.



**Тангаҳои ҳахоманишии дорик**

Боҷу хироҷғундорӣ аз муҳимтарин амалҳои дастгоҳи давлатӣ ҳисоб мешуд. Мувофиқи ислоҳоти дар соҳаи молиёт ҷорӣ намудаи Дорои I ҳар як вилоят мебоист андози солонаро бо пул адо кунад.

---

[19] ИТН, I, с. 209-211.

[20] Чунонки Р.Фрай менависад, сатрапҳо гӯё подшоҳчаҳое буданд, ки монанди ҳукумати марказӣ дарбор ва дастгоҳи идораи худро доштанд.

Ғайр аз ин, ба тариқи молиёти ҷинсӣ, яъне маҳсулоти зироатӣ ё ки ҳунармандӣ андоз мепардохтанд. Илова бар ҳамаи ин, боҷҳои дохилӣ ва андозҳои роҳ низ вуҷуд доштанд. Махсусан, бо сарбоз таъмин кардани қӯшуни ҳахоманишӣ барои аҳолӣ бори гароне буд.

Аҳолӣ аз ин қабил андозу хироҷҳои зиёд ба азобу кулфатҳои тоқатшикан дучор мегардид. Вай барои додани молиёт аксар вақт замини худро ба судхӯрҳо гарав мегузошт ва ё ҳатто фарзандони худро ба ғуломӣ мефурӯхт.

Осиёи Миёна ба чор сатрапӣ тақсим шуда буд. Қабилаҳои кӯчманчии сокини канораҳои баҳри Каспӣ, ба қавли Геродот, ба таркиби сатрапии XI дохил шуда, солона ба маблағи 200 таланти[21] нуқраи бобулӣ хироҷ медоданд. Хоразм, Суғд ва Порт сатрапии XVI буда, 300 талант андоз мепардохтанд. Бохтар сатрапии XII ба шумор рафта, 360 талант андоз медод. Ниҳоят, сакоиҳо вилояти XV-ро ташкил намуда, ба маблағи 250 талант хироҷ медоданд.

Яке аз воситаҳое, ки Ҳахоманишиҳо аз аҳолии Осиёи Миёна андозҳои иловагӣ мегирифтанд, бастани дарғот буд. Аҳолӣ аз беобӣ ба танг омада, маҷбур мешуд, ки барои кушодани дарғот хироҷи иловагӣ бидиҳад. Геродот (III, 117) дар ин бора менависад: «...Вақте ки онҳо беоб монданд, бо аёли худ ба Форс меравaнд, дар назди дари қасри подшоҳ ҷамъ шуда, доду фиғон мебардоранд; подшоҳ аҳволи ин муҳтоҷонро дида, амр мекунад, ки дарғотҳоро кушода, обро ба сӯйи дашт сар диҳанд. Ҳамин ки замин аз об сер шуд, боз дарғотҳоро мебанданд ва бо амри подшоҳ дарғотҳои дигарро барои дигар муҳтоҷони об боз мекунанд. Аз рӯйи ривоятҳо ба ман маълум аст, ки подшоҳ ғайр аз андозҳои муқаррарӣ ба ивази *кушодани дарғотҳо* пули бисёр меситонад» (фосила аз ман. – Б. Ғ.).

Муайян кардани ин ҷойи дарғот, ки аз рӯйи суханони Геродот дар дарёи Акес воқеъ гардида будааст, кори хеле душвор аст. Бар тибқи ақидаи аксари муҳаққиқон, ин дарғот дар дарёи Теҷен – Ҳарирӯд аст, ки аҳёнан дарёи Мурғоб меноманд. Кӯшишҳои боз ҳам аниқтар муайян кардан ҳам ба назар мерасад[22].

Зоҳиран, дар аҳди ҳукмронии ҳахоманишиҳо иншоотҳои калони обёрӣ дар дасти (ва ё таҳти назорати) маъмурони ҳахоманишӣ қарор гирифта будаанд. Вазъияти аҳолии меҳнатӣ дар давраи ҳукмронии ҳахоманишиҳо фавқулода вазнин буд. Қабилаву халқҳои озодихоҳи Осиёи Миёна муттасил ба муқобили ҷабру зулми подшоҳони форс шӯриш мебардоштанд.

Ҳанӯз аз нимаи дувуми асри IV пеш аз милод хоразмиҳо давлати мустақили худро таъсис менамоянд. Дар ин вақт сакоиҳо ҳам аз тобеияти ҳахоманишиҳо берун меоянд.

Давлати Ҳахоманишӣ тазоҳури равшани давлати ҳарбии ашрофии ғуломдорӣ ба шумор мерафт, ки табақаҳои ҳукмрон ва соҳибимтиёзи он аз форсҳо ва қисман аз мидиҳо иборат буданд. Дар маҳалҳо, алалхусус дар вилоятҳои аз марказ дури давлати Ҳахоманишӣ ҳокимияти маъмурони «худӣ», яъне осиёимиёнагӣ хеле қавӣ буд: инак, ҳахоманишиҳо ва ашрофи маҳаллӣ якҷоя ба аҳолии сатрапиҳои Осиёи Миёна зулму ситам мекарданд.

---

[21] Талант – қариб 30 кг нуқра.

[22] Marquart J., 1938, 9; Дяконов И. М., 1956, с. 357; Массон В. М., 1967 а, с. 172-175.

## Сохти иҷтимоию иқтисодӣ, маданият ва дини Суғд, Хоразм ва Бохтар дар асрҳои VI–IV пеш аз милод

Сохти ҷамъиятии халқҳои шарқиэронии Осиёи Миёна дар давраи ҳукмронии сулолаи ҳахоманишиҳо, чунонки аз тадқиқи тамоми сарчашмаҳои мавҷуда маълум мегардад, аз сохти ҷамъиятии эрониёни ғарбӣ моҳиятан фарқ мекард. Агарчи дар Осиёи Миёна ҳам муносибатҳои ғуломдорӣ тараққӣ карда буд, асоси хоҷагиро меҳнати ғуломӣ ташкил намедод. Дар ин ҷо бақияҳои сохти авлодӣ бештар маҳфуз монда, ҷамоати рустоӣ мавқеи афзалиятноке дошт. Барқароршавии ҳукмронии ҳахоманишиҳо дар бобати тараққиёти минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна роли дутарафа бозӣ кард: аз як тараф, ба тезтар инкишоф ёфтани муносибатҳои ғуломдорӣ имконият дода бошад, аз тарафи дигар ба ниҳоят хароб ва заиф гардидани иқтисодиёт оварда расонд. Сарватҳои бисёри он дар сурати боҷу хироҷ ва таҳвили молу ашё тороҷ мегардид, беҳтарин пешаварон барои кор кардан дар сохтмони қасрҳои подшоҳони ҳахоманишӣ аз ин мамлакат бурда мешуданд.

Маълумоти археологие, ки аз кофтукови шаҳри куҳнаи Афросиёб (Самарқанди қадима) ба даст омадаанд ва инчунин ахбори муаллифони қадим барои тавсиф намудани вазъияти Суғд дар он давра, ҳарчанд ба тарзи хеле умумӣ бошад ҳам, имкон медиҳанд[23]. Дар ҳаёти Суғд махсусан зироаткорӣ, ки акнун дар он давра ба обёрӣ асос ёфта буд, мавқеи муҳимме ишғол мекард. Доир ба ин ҷиҳати охирин марҳилаҳои даврае, ки мавриди таҳқиқи мо қарор гирифтааст, сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд. Страбон (XI, II, 5) дар хусуси дарёи Политимент (Зарафшон) менависад: «Дарё ин маҳалро шодоб намуда (айнан – ташнагии ин мамлакатро шикаста.– Б.Ғ.) ба сарзамини биёбону регзор мебарояд ва рег онро фурӯ мекашад». Эҳтимол меравад, ки дар ин ҷо ба рӯдхонаҳои сершумори суғдиён об дода, сипас, ба тарафи биёбон ҷорӣ гардидани Зарафшон дар назар дошта шудааст.

Дар қатори масканҳои рустоӣ, ки сокинони онҳо ба зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул буданд, масканҳои шаҳрӣ ҳам ба вуҷуд меоянд. Калонтарини онҳо шаҳре буд, ки юнониҳо онро Мараканда ва мардуми маҳаллӣ Смараканда (Самарқанди ҳозира) меномиданд. Ин шаҳр то вақти истилои мақдуниҳо аз ду қисмат, яъне, аз арки бо хандақу девор иҳоташуда ва худи шаҳр, ки бештар аз 12-12,5 км тӯл дошт, иборат буд (Квинт Куртсий, VII, 6, 10). Шаҳр аз кадом як наҳре «об мехӯрдааст» – дар ин ҷо, зоҳиран, наҳрчаи Сиёб (Сиёҳоб) дар назар дошта шудааст.

Мувофиқи мадракҳои илми бостоншиносӣ, Самарқанди қадим (ё худ маркази он) дар ҷойи харобаҳои шаҳри Афросиёб воқеъ гардида буд. Дар ҷараёни тадқиқи ин шаҳр нишонаҳои маскани асрҳои VI–IV пеш аз милод, ки дар қисмати шимолу ғарби Афросиёб вуҷуд дошта, тақрибан 50-70 гектарро ишғол мекардааст, пайдо карда шуд. Агар тамоми Афросиёбро умрону обод ҳисоб кунем, пас масоҳати он тахминан ба 200 гектар мерасад. Аз рӯйи баъзе мадракҳо дар қисмати ҷануб маскани аввалин берун аз ҳудуди Афросиёб воқеъ гардида буд. Қалъаи шаҳри қадим мумкин аст дар ҷойи қалъаи асримиёнагӣ воқеъ гардида бошад.

---
[23] Тереножкин А. И., 1947, с. 128; 1950 б, с. 153, 155-156

Ба тӯли 12-12,5 км кашида шудани девори шаҳр, ки дар боло зикр гардид, муаммои сарбастаеро ба миён меорад. Дарозии девори канори Афросиёб қариб 5 км аст, аммо дар сарчашмаҳо девори 2,5 баробар аз он дарозтар ёдоварӣ мешавад. Ин тафриқа шояд аз он ҷиҳат сар зада бошад, ки шаҳри қадим метавонист на фақат дар ҳудуди Афросиёб, балки берун аз он ҳам масоҳати бузургтареро ишғол намояд.



**Зарфҳои сафолии Бохтари қадим**

Ҳангоми ҳафриёти Афросиёб дар табақаҳои ба ҳамон замон тааллуқдошта бақияи иморатҳои шаҳр (аз хишти хом ва гил), зарфҳои гирдаи бо чарху даст сохташуда, дегу дегчаҳои дуруштсохт, ҳамчунин белчаи оҳанӣ, доси оҳанин, оинаи биринҷӣ ва ғайра, ки дар бораи баъзе асбобу олот ва ашёи онвақта тасаввурот пайдо мекунанд, ёфт шудаанд. Муҳри сангӣ бо тасвири подшоҳ ва ё худоёни камондардаст низ ба ҳамон давра мансуб аст[24].

Ғайр аз ин, масканҳои шаҳрии аз Мараканда хурдтар ҳам мавҷуд буданд. Бозори онҳо махсусан ба воситаи маснуоти пешаварони моҳири суғдӣ диққати тоҷирони мамлакатҳои гуногунро ба худ мекашид. Шумораи зиёди пешаварон ба сохтани олоти филизӣ, тайёр кардани зарфҳо, ба бофандагӣ ва ғайра машғул мешуданд. Агарчанде хоҷагӣ асосан хусусияти натуралӣ дошт, ба ҳар ҳол мубодила мавҷуд буд. Аъёну ашрофи Суғд бар аъзои одии ҷамоат беш аз

[24] Тереножкин А.И., 1950 б, с. 153–156; Шишкин В.А., 1969, с. 148-149; Шишкина Г.В., 1969 б, 1969, а; Филанович М.И., 1969, с. 206 ва мобаъд; Ғуломов Я.Г., 1969, с. 7; История Самарканда, 1, 1969; Пянков И.В., 1970. Муносибати нигилистона нисбат ба баробарии Мароқанд (Смарканд) ва Самарқанд (Пачос М. К., 1967) ба назари мо тамоман беасос менамояд.

пеш нуфуз пайдо мекард. Суғдиҳо бештар оини зардуштиро мепарастиданд. Дар баробари ин дигар дину мазҳабҳои аз сохти авлодӣ меросмонда ҳам мавҷудияти худро нигаҳ медошт.

Чи навъе ки тадқиқоти экспедитсияи Хоразм муқаррар намуд, дар Хоразми асрҳои VI–V пеш аз милод якчанд масканҳои калони истеҳкомноки аҳолинишин вуҷуд доштанд. Яке аз онҳо шаҳрчаи Гӯзалқир буд, ки намуди секунҷаро дошта, ба тӯли 1 км кашида мешуд. Муҳити берунаи ин шаҳрча саросар аз манзилҳои долонмонанде, ки бари онҳо аз 2,5 то 4 метр меомад, фароҳам гардида буд. Инҳо манзилҳои паноҳгоҳ буданд. Дар миёнаҷои шаҳр бинои хеле калон бо толорҳои фарох ва нақшҳои муназзам сохта шудааст. Шукӯҳу азамати ин бино дар пеши кулбаҳои ҳақири канораҳои шаҳрча як манзараи тазодеро ба назар мерасонид ва аз амиқтар гардидани тафриқаҳои иҷтимоӣ ва молумулкӣ гувоҳӣ медод. Дигар аз ёдгориҳои онвақтаи Хоразм – маскани Дингилҷӣ мебошад. Дар ин ҷо ҳавлии серманзилаи берунишаҳрӣ, ки зоҳиран иқоматгоҳи шахси сарватманде аз ашрофи маҳаллӣ будааст, бо тамоми ҷузъиёташ омӯхта шуд. Шаҳрчаи Кулолгар бо толорҳои сутундори худ ба охири даврае, ки мавриди таҳқиқи мо қарор гирифтааст, тааллуқ дорад[25].

Марғиён бо саҳроҳои ҳосилхези худ шуҳрат пайдо карда буд. Мувофиқи гуфтаҳои Страбон (1, 10, 102) замини Марғиён «...токҳои хубе мерӯёнад. Нақл мекунанд, ки дар ин ҷо аксар вақт чунон танаҳои ток дучор меоянд, ки танҳо дар оғӯши ду кас ҷой мегирад ва дарозии ҳар як сари ангур ба ду олчин мерасид». Дар ин ҷо хеле барвақт, ҳанӯз дар давраи пеш аз Ҳахоманишӣ, масканҳои бузурги шаҳрӣ пайдо шудаанд. Яке аз калонтарини онҳо дар ҷойи Ғаюрқалъа – шаҳри қадимаи Марв воқеъ гардида буд. Қалъа дар болои суфаи хиштии хеле баланд сохта шудааст. Аз афташ, ин ҷо қароргоҳи ҳокими вилоят будааст. Он чи оид ба Ёзтеппа бошад, вай аҳамияти пештараи худро гум мекунад[26].

Шаҳрчаи Елкинтеппа, ки таҳқиқи он мавҷудияти системаи иншоот ва истеҳкомоти ҳарбиро нишон дод, дар шимоли Порт мавқеи муҳимме дошт[27].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои археологӣ, ҳанӯз дар ҳамон вақтҳо дар воҳаи Марв каналҳои калони обёрикунанда, ки яке аз онҳо аҳолии Ғаюрқалъа ва саҳроҳои атрофи онро аз об таъмин мекард, вуҷуд доштанд. Археологҳо дар ҷойи харобаҳои ин шаҳр бисёр чизҳои сафолӣ, муҷассамачаҳо ва дигар маснуот, аз ҷумла пайконҳои скифии аз биринҷӣ сохташударо дарёфт намудаанд.

Дар Бохтар зироаткорӣ машғулияти асосии аҳолӣ ҳисоб мешуд. Квинт Куртсий менависад: «Табиати Бохтар гуногун аст: дар он ҷо токҳои ангур ҳосили пурбор ва ширин медиҳад; оби фаровон замини тафсонро шодоб мекунад; дар заминҳои ниҳоят ҳосилхез ғалла корида, боқимондаи он ба чарогоҳи гову гӯсфандон табдил дода шудааст, вале қисми зиёди замин дашти бесамар мебошад». Плиний дар бораи дар Бохтар парвариш карда шудани рустаниҳои ғалладонае, ки ҳар як донаи он аз ҷиҳати ҳаҷм бо хӯшаҳои муқаррарӣ баробар аст, хабар медиҳад. Зироат ҳам лалмӣ ва ҳам обӣ буд. Чунончи, дар асрҳои V–IV пеш аз милод аз Вахш канал кашида буданд, ки

---

[25] Толстов С.П., 1962, с. 96-117.

[26] Пиотровский Б.Б., 1949, с. 35-41; Массон В.М., 1954.

[27] Марущенко А.А., 1959, с. 54-72.

тахминан ба шохаи ҳозираи Ҷӯйбори Боло мувофиқат мекард. Дар минтақаи обёрии ин канал қариб 50 км мураббаъ замин мавҷуд буд[28].

Ҳафриёти Балх нишон дод, ки қадимтарин табақаҳои он ба охири нимаи аввали ҳазораи I пеш аз милод тааллуқ доранд[29]. М.М.Дяконов дар вақти кофтукови харобаҳои Қалъаи Мир дар поёноби дарёи Кофарниҳон (ноҳияи Қубодиёни РСС Тоҷикистон) доир ба маданияти Бохтари шимолӣ материалҳои ҷолиби диққат ба даст овард. Дар ин ҷо, яъне дар асосгоҳи маскане, ки то револютсия вуҷуд дошт (он вақтҳо ин ҷо маҳалли таваққуфи бекҳои Қубодиён буд), як силсила иқоматгоҳҳои хеле вайронгардидаи давраи қадими бохтарӣ пайдо карда, аз он ҳашт хонаи камбари аз хишти мураббаъ биноёфта кушода шуд. Девори берунии хонаҳо назар ба дигар деворҳо ғафстар буд. Дар ин ҷо бисёр зарфҳое, ки ба зарфҳои Самарқанд ва Марви қадима монандӣ доштанд, инчунин пайконҳои биринҷии марбут ба асрҳои VII–V пеш аз милод ва маснуоти оҳанӣ, аз қабили сӯзан, корд ва ғайра ёфт шуданд. Аз рӯйи кашфиёти археологӣ маълум мешавад, ки бошандагони ин деҳа ба касбу пешаи кулолӣ, бофандагӣ, оҳанолотсозӣ ва биринҷигудозӣ, инчунин ба корҳои хоҷагии қишлоқ – зироаткории обӣ ва чорводорӣ машғул буданд[30]. Дигар аз масканҳои асрҳои V–IV пеш аз милод маскани Булдонтеппа, ки дар водии Вахш, наздикии шаҳри Қӯрғонтеппа кофта ёфтаанд[31].

Аз рӯйи чизҳое, ки ба таркиби ба истилоҳ «Дафинаи Амударё» дохил мешаванд, яъне аз рӯйи маҷмаи миқдори зиёди ашёи заргарии асосан аз симу зар сохташуда (ҳамагӣ 180 адад, аввалҳо зиёдтар будааст) ва низ пулҳои тилло ва нуқра дар бораи дараҷаи тараққиёти пешаи санъатварӣ дар Бохтар фикру мулоҳиза рондан мумкин аст. Ҳамаи ин тиловорро дар соли 1877 тоҷирони бухороӣ аз бошандагони яке аз маҳалҳои ноҳияи Қубодиён харида ба Ҳиндустон бурданд, ки баъдҳо ин бозёфтҳо ба дасти олимон афтод. Асли таърихи ба вуҷуд оварда шудани ин маҷмаи ашёи заргарӣ ҳанӯз маълум нест[32]. Истеъдоди санъаткории бохтариёни қадим, ҳунари заргарии ҳайратафзои онҳо дар бисёр ашёи «Дафинаи Амударё» ба таври барҷаста муҷассам гардидааст. Чунончи, аробаи дучархаи ҷангии тиллоӣ, ҳайкалчаи нуқрагии одам, сафҳаи тиллоие, ки дар рӯйи он сурати барҷастаи одам кашида шуда, либос ва аслиҳаҷоти ӯ бо тамоми ҷузъиёташ тасвир ёфтааст, бозубанди тилло, ки нӯгҳои он ба шакли сари буз зинат дода шудааст, муҷассамаи тиллоии гавазн

[28] Зеймал Т.И., 1971, с. 52.

[29] Доир ба ҳафриёти Балх: Schlumberger D., 1949, p. 1973-190.

[30] Дяконов М.М., 1954 б.

[31] Зеймал Т. И., 1971, саҳ,. 50-52.

[32] Нашри пурра: Dalton O.M., 1964; Bellinger A.H., 1962, 51-57. Доир ба вазъу ҳолати бозёфт ниг.: Зеймал Т.И., Зеймал Е.В., 1962. Баъзе олимони ғарб исбот мекунанд, ки дар он бисёр ашёи аз хориҷа оварда мавҷуд аст. Мо ақидае дорем, ки вай асосан аз маснуоти бохтарист. Он чи ки санъати Бохтар ва вилоятҳои ғарбии Эрон бисёр ҷиҳатҳои муштарак дошта, ба якдигар нуфуз кардаанд, гапи дигар аст ва ба ин ҳеч шубҳае нест. Воқеан, асари М.Далтон, ки аввалин бор соли 1905 ва бо баъзе тасҳеҳот соли 1926 чоп шуда буд, ҳоло дар қисмати тадқиқ тамоман кӯҳна шудааст. Акнун вақте расидааст, ки кашфиёти тозаи дар ҷанбаи санъати бостонии Эрон ва дигар кишварҳои шарқи хориҷӣ ва ҳамчунин Осиёи Миёна ба даст омадаро пурратар ба ҳисоб гирифта, ашёи хизонаи Амударё аз сари нав мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Тадқиқоти Р.Д.Бэрнетт (Barnett R.D., 1968) дар ин роҳ фақат як қадами хеле хурд ба шумор меравад.

ва бисёр чизҳои дигари моҳирона сохташуда ба гуфтаи боло далолат мекунанд.



**Хизонаи Амударё. Амсилаи аробаи ҷангӣ (тилло)**

А. Каннингэм чунин мепиндошт, ки ин хазинаи хусусии кадом як хонаводаи ашрофи бохтарист. Р.Гиршман фарзияе пеш ниҳод, ки дафинаи Амударё як қисми хазинаи маъбади машҳури дар Бохтар будаи Анаҳито аст, ки эҳтимол, дар вақти ҳамлаи қӯшуни Искандари Мақдунӣ ва ё Салҷуқи I хароб гардида бошад. Ин фарзияро Р.Бэрнетт, ки зимнан санаи дертари анҷоми таҳнишасти дафинаро (асри II пеш аз милод) пешниҳод кард, тарафдорӣ намуд[33].

Дар он вақтҳо дар қисмати шимолии Тоҷикистон ҳам як қатор шаҳрҳои калону хурд вуҷуд доштанд. Аз он ҷумла шаҳре буд, ки онро юнониҳо Киропол меномиданд (дар ноҳияи Ӯротеппаи ҳозира).

Дар сарзамини паҳноваре, ки тоифаҳои сакоӣ иқомат доштанд, низ ёдгориҳои мухталиф мавҷуданд. Дар Помири шарқӣ қӯрғонҳои дафнгоҳ кашф гардиданд. Мурдаро ба қабрҳои на чандон чуқур кофташудаи лаҳаднок дафн мекарданд. Баъзан ҷасадҳои ҷуфт гӯркардашуда низ вомехӯранд. Дар Ҳафтрӯд қӯрғонҳои калони дорои хонаҳои чӯбин ва дар маҳалҳои назди Арал, байни

[33] Ghrishman R., 1964, с. 88-94, Barnett R.D., 1968, с. 35-52 Бояд қайд кард, ки Р.Бэрнет дар санагузории худ, алалхусус, ба фикри В.В.Тарн дар бобати набудани тилло дар Бохтар такя мекунад. Аммо ин ба ҳақиқат рост намеояд, зеро осори конҳои тилло дар замини Бохтар боқист.

дарёҳои Аму ва Сир мақбараҳои калони мураккабсохти аъёну ашрофи сакоӣ ёфт шудаанд. Дар худи ҳамин маҳалҳо масканҳоеро, ки эҳтимолан ба сакоиҳо нисбат медиҳанд, пайдо кардаанд.

Ҳафриёти қабристони сакоиҳо, ки дар поёноби Сирдарё воқеанд, имкон дод, ки дар бораи сохти иҷтимоии ҷамъиятии сакоиҳо баъзе мулоҳизаҳои муҳим пеш гузошта шавад. О.А.Вишневская қабристони Ӯйгаракро тадқиқ намуда, диққати муҳаққиқонро ба ҳамин ҷалб намуд, ки хоктеппаи ин қабристонҳои равшан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд ва зимнан дар ҳар се гурӯҳ тарзи ба ҳамон гурӯҳҳо хоси дафн ва асбобу ашёи ба ҳамон гурӯҳ хоси дохили қабрҳо ба назар мерасад. Масалан, дар қабрҳои гурӯҳи шарқӣ дар маросими дафн оташро бисёр кор мефармудаанд ва дар гӯри занҳо ҳатман тахтасанги ниёз мемондаанд, ки ин гуна тахтасанг дар қабрҳои дигар гурӯҳҳо ниҳоят кам вомехӯранд ва хеле дағал сохта шудаанд. Ятоқу аслиҳа фақат дар қабристони гурӯҳи марказӣ гузошта шудаанд. Дастос фақат дар гӯрҳои қабристонҳои гурӯҳи ғарбӣ ва марказӣ ба назар мерасанд[34].

Ҳамаи ин қонуниятҳо ба Е.Е.Кузмина имкон доданд сохти қабристони Ӯйгаракро бо ҳамон қоидаи анъанавӣ, ки ҷамъияти халқҳои қадими эрониро ба се табақа тақсим менамояд, муқоиса кунад. Мувофиқи ин қоида, ҷамъият ба се гурӯҳ (ё худ, бо истилоҳи баъзе муҳаққиқон, ба се каста) тақсим мешавад: ҷанговарон, коҳинон ва аҳли озоди ҷамоат. Қабрҳои гурӯҳи марказии Ӯйгарак бояд аз они ҷанговарони савора бошад, қабрҳои гурӯҳи ғарбӣ, ки сохташон ҳам одитар ва ашёи онҳо низ камтар аст, бояд аз они аҳли зироаткори ҷамоат ва косибон бошад; қабрҳои гурӯҳи шарқӣ ба онҳое тааллуқ доранд, ки вазифаи коҳиниро адо мекардаанд[35].

Тасдиқи ба ин се гурӯҳ тақсим шудани ҷамъияти сакоиҳоро, эҳтимол, аз асарҳои муаррихони антиқа дарёфта метавонем, ки онҳо мардумони ин ноҳияро ба қалам додаанд. Масалан, Плинии Калонӣ мардумони сокини ноҳияҳои шимолии Осиёи Миёнаро зикр карда, аз ҷумлаи онҳо котиерҳо ва эвхатҳоро ном мебарад (Pliny, VI, 19). Аз афти кор, ин номҳо номи ҳамон катарҳо ва авхатҳо мебошад, ки мувофиқи маълумоти Геродот (IV, 6) номи авлоди скифҳои Аврупоро ифода менамояд ва ин скифҳо аз ду бародарони афсонавӣ, ки саравлоди тамоми скифҳо ба шумор мераванд, пайдо шуда будаанд (авлоди севуми скифҳо, ки аз бародари хурдӣ пайдо шуда будаанд, паралатҳо ном доштанд). Ҳам этимологияи ин номҳо ва ҳам он атрибутҳое, ки ривояти скифҳо ба намояндагони он авлодҳо ва ба асосгузорони он авлодҳо нисбат медиҳанд, ба муҳаққиқон имкон доданд, ки ривояти ба авлодҳо тақсим шудани скифҳоро тасдиқи тақсимоти иҷтимоӣ, тақсимоти табақавие шуморанд, ки ба қоидаҳои анъанавии мазкури тақсимоти ҷамъиятии халқҳои қадими эронӣ мувофиқат дорад[36]. Умумияте, ки дар вақти скифҳои Аврупоро тасвир кардани Геродот ва қавмҳои ба онҳо наздики сакоии Осиёи Миёнаро тасвир кардани Плиний ба назар мерасад, ба мо имкон медиҳад, даъво кунем,

[34] Вишневская О. А., 1973, с. 67-68.
[35] Кузмина Е.Е., 1975, с. 291-292.
[36] Dumezil G., 1930, с.123-124; 1926; Грантовский Э.А., 1950; Раевский Д.С., 1977, с.46-71.

ки анъанаи ривояти скифҳо ҳам ба худи онҳо нисбат дораду ҳам ба сакоиҳо[37]. Ин даъвои моро тадқиқи сохти қабристони Ӯйгарак ҳам тасдиқ мекунад.

Худи ҳамин умумият ва, ҳеҷ набошад, қаробати скифҳои ноҳияҳои назди баҳри Сиёҳ ва сакоиҳои Осиёи Миёнаро аз рӯйи он атрибутҳое ҳам дидан мумкин аст, ки нишони рамзии намояндагони ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд. Ба қавли Геродот (IV,5), ин нишонаҳои рамзӣ табарзин (нишони ҷанговарон), юғу омоч (нишони аҳли зироат) ва ҷом (нишони коҳинон) аст. Ин чизҳо мувофиқи ривояти скифҳо аз осмон афтида будаанд. Дигар муаррихи дунёи қадим Квинт Куртсий Руф (VII, 8,34) чанд ашёро ном мебарад, ки сакоиҳо онҳоро чун чизҳои худофиристода парастиш мекардаанд. Ин чизҳо найзаву тир барои дафъи душман, юғу омоч барои баҳрабардорӣ аз замин ва ҷом барои адои ибодат будаанд. Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала, яъне зикри барои кадом кор даркор будани ин чизҳо равшан нишон медиҳад, ки онҳо дар ҷамъияти сакоиҳо, пеш аз ҳама, нишони рамзии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ буданд. Ба истиснои ба ҷойи табарзин ном бурдани найзаву тир, ин нишонаҳои рамзии ҳам скифҳо ва ҳам сакоиҳо айнан якхелаанд[38].

Дар бораи сохти сиёсии ҷамъияти сакоиҳо мо маълумоти казоӣ надорем. Дар сари қабилаҳои сакоӣ шоҳ меистод. Полиен (VII,12) аз ҷанги сакоиҳову Доро сухан ронда, се шоҳи сакоиро ном мебарад. Мумкин аст онҳо шоҳони се қабилаи мустақили аз ҳам ҷудое бошанд, ки фақат дар вақти ҷанг муттаҳид шудаанд. Вале ин нуктаро дигар хел шарҳ додан ҳам мумкин аст. Геродот (IV,120) нақл мекунад, ки дар сари скифҳои ноҳияи назди баҳри Сиёҳ се подшоҳ меистод ва яке аз онҳо подшоҳи асосӣ буд. Мувофиқи ривояти скифҳо ин тарзи якбора ҳукмронӣ кардани се шоҳ дар давраҳои афсонавии қадимтарин пайдо шуда будааст (Геродот, IV,7). Чи тавре мебинем, дар ин ҷо ҳам қаробати ривоятии скифҳои Аврупо ва сакоиҳои Осиёи Миёна равшан зоҳир шудааст[39].

Эътиқоди диниву мазҳабии аҳолии Осиёи Миёна яксон ва якранг набуд. Дар вилоятҳо, дар байни аҳолии муқимӣ оини зардуштӣ паҳн гардида, кешҳои гуногуни маҳаллиро дар бар гирифта буд. Дар хусуси мазмуни воқеии тасаввуроти динии мардумони он замон ҳанӯз яқинан чизе гуфтан душвор аст. Эҳтимол меравад, баъзе тоифаҳои сакоӣ ҳам оини зардуштиро қабул карда, дар байни қавму тоифаҳои дигар ҳамон тасаввуроти диние, ки асоси он аз парастиши яздони меҳр – Аҳура Маздо (ё худ Митра) фароҳам омада буд, ҳукмфармоӣ менамуд[40].

Санъати сакоиҳо ва, пеш аз ҳама, сабки тасвири ҳайвон, ки дар он замонҳо дар саросари даштҳои паҳновари Авруосиё паҳн шуда буд, бо ақидаҳои динии сакоӣ алоқаи зич дорад. Вале масъалаи аҳамияти ин образҳо ҳоло ҳам масъалаи баҳснок мебошад. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, ин образҳо инъикоси ақидаҳои хурофии сакоиҳост, ба қавли дигар муҳаққиқон, ин образҳои ҳайвонсимо тасвири худоҳои скифу сакоӣ мебошад. Ба ҳар ҳол, ин масъала ҳоло торик аст ва тадқиқи муфассалро тақозо дорад. «Дафинаи Амударё» барои омӯзишу тадқиқи ақидаҳои динию хурофотии халқҳои қадими Осиёи

---

[37] Раевский Д.С., 1977, с.129-130.
[38] Раевский Д.С., 1977, с.130.
[39] Дар ҳамон ҷо, с.128-121.
[40] Литвинский Б. А., 1968 б.

Миёна аҳамияти калон дорад. Гуфтан мумкин, ки дар ин дафина беш аз ҳама анъанаи санъати бохтарҳо ва сакоиҳои кӯчманчӣ акс ёфтааст[41]. Вале, чи тавре ки дар боло ҳам инро қайд кардем, масъалаи тавзеҳи этникӣ ва мадании ин дафина ҳанӯз масъалаи басо баҳснок мебошад.



**Дафинаи Амударё. Табақ (нукра)**

Дар давлати ҳахоманишӣ ба истилоҳ тақвими хурдавестоӣ ҷорӣ шуда буд. Ин тақвим аслан ба тақвими шамсии Миср, ки ҳар сол аз 12 моҳи сирӯзӣ ва панҷ рӯзи илова фароҳам меомад, шабоҳат дошт. Моҳ ва рӯзҳои ин тақвим бо номи худоён ва шахсони асотирии мансуб ба оини Зардуштии «Хурд-Авесто», ки дар «Готҳо» зикр гардидаанд, инчунин бо номи дигар худоёни эронӣ (аз ҷумла, ононе, ки Зардушт яқинан мункир шудааст) тасмия ёфтаанд. Ин тақвим дар байни мардуми эронинажод ба таври васеъ паҳн гардида буд. Ёдгориҳои хаттии марбут ба Суғд, Хоразм ва Порт дар замонҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна дар сарзамини Осиёи Миёна мустаъмал будани онро шаҳодат

[41] Dalton O.M., 1905, p. XIII; Артамонов М.И., 1977, с. 14-15.

медиҳанд. Тақвими форсии миёна ва тақвими аз он баромадаи форсии нав дар заминаи ҳамин тақвим ба вуҷуд омадааст (номи моҳҳои тақвими шамсии имрӯзаи Эрон аз номи худоёни «Хурд-Авесто» гирифта шудааст). Номи моҳҳои ин тақвими қадима дар ёдгориҳои хаттии баъзе дигар кишварҳои Осиёи Наздик, аз ҷумла, дар Арманистон низ дучор меояд[42].



**Бухурдони биринҷии сакоиҳо**

Он вақтҳо дар байни қавму тоифаҳои Осиёи Миёна достоне, ки дар «Авесто» ҳам инъикос ёфта буд, ривоҷ дошт. Тавассути ривояти Ктесий порчае аз қиссаи маликаи Заррина ва Стриангеи мидӣ маҳфуз мондааст. Дар он нақл карда мешавад, ки Заррина пас аз фавти шавҳараш подшоҳи сакоӣ ба Мармар ном ҳокими вилояти портҳо хонадор мешавад. Подшоҳи мулки Форс ба муқобили Мармар лашкар мекашад. Дар вақти муҳориба «Стриангей ном марди мидӣ як зани сакоиро аз асп фурӯ меандозад – занҳои сакоӣ воқеан ҳам

[42] Дяконов И.М. ва Лившитс В.А., 1966, с. 153 ва мобаъд.

савораи хуб буда, мардонавор меҷанганд. Ӯ ба маҳзи дидани ин зани соҳибҷамол ва мисли гул шукуфон вайро зараре нарасонида, сар медиҳад». Пас аз чанд вақт худи Стриангей ба дасти шавҳари вай асир меафтад. Дар дили Стриангей нисбат ба ин зани соҳибҷамол оташи ишқ шуълавар мегардад ва зоҳиран чунин эҳсос дар дили зан ҳам пайдо мешавад. Вале шавҳари вай Стриангейро куштанист ва ҳеҷ як зорию таваллои зан ӯро аз ин қасд боздошта наметавонад. Он гоҳ Заррина асиронро раҳо карда, бо кумаки онҳо шавҳарашро мекушад ва бо Стриангей «унсият меварзад» (Ктесий, фиқраҳои 7 (26), 8а (27) ва ғ.).

Ба ақидаи як қатор олимон, ин асаре аз достони сакоист, аммо баъзеҳо чунин тахмин доранд, ки он намунае аз офаридаҳои мидӣ аст. Ба назари мо, ақидаи аввалӣ саҳеҳтар менамояд.

## 3. ОСИЁИ МИЁНА ВА ЭРОН ДАР АҲДИ САЛТАНАТИ ҲАХОМАНИШИҲО

Давлати бузурги ҳахоманишӣ, ки яке аз пуриқтидортарин империяҳои ҷаҳони аҳди қадим ҳисоб меёфт, мавҷудияти худро беш аз 200 сол нигоҳ дошта, дар таърихи Шарқи бостонӣ мавқеи ба назар намоёне ишғол намуд. Созмонҳои иқтисодию сиёсӣ ва анъанаҳои мадание, ки дар давраи ҳахоманишиҳо ба вуҷуд омада буданд, қарнҳо маҳфуз монда, дар давлати императории Искандари Мақдунӣ, давлатҳои портҳо, сосониён ва халқҳои Осиёи Миёна низ давом карданд.

Дар давраи ҳахоманишиҳо тағйироти муҳимми иҷтимоӣ (тараққиёти муносибатҳои заминдорӣ, афзудани аҳамияти меҳнати ғуломон, фаъолияти тиҷоратхонаҳои Бобул ва ғ.) ба амал омада, низоми ягонаи давлатии пул ва тартиби пардохти молиёт дар асоси ба назар гирифтани имконоти иқтисодии кишварҳои дохили империя ҷорӣ гардид, усули идоравии ба сатрапиҳо (вилоятҳо) тақсим кардани давлат бо аниқ муқаррар намудани ҳудуди онҳо ва коргузории аз як расмулхатти ягонаи умумидавлатӣ, яъне алифбои оромӣ истифодакунанда ба вуҷуд омад. Ҳамчунин почтаи давлатӣ таъсис ёфта, роҳҳои нав сохта ва роҳҳои куҳнаи корвонгард таъмир карда шуд. Ғайр аз ин, қонунгузории умумидавлатӣ кор карда баромада, дар тамоми қаламрави салтанати Ҳахоманишиҳо ҷорӣ карда шуд. Дар айни замон қонунҳои пешинаи халқҳои гуногун қувваи худро нигоҳ медоштанд.

Худ аз худ маълум аст, ки воқеияти таърихӣ хеле мураккаб буд. Ба сиёсати пешгирифтаи подшоҳони ҳахоманишӣ фақат дар қиёси салтанатҳои мустабидаи қадимаи шарқ, ки зулму истибдоди онҳо назар ба аҳди Ҳахоманишиҳо шадидтар буд, метавон баҳои нисбатан мусбат дод. Дар замони ҳукмронии онҳо низ зиндагӣ хуш ва ором набуд: мубориазаҳои тундутези синфӣ, шӯришҳои мардумони мутеъ пояҳои давлати Ҳахоманиширо муттасил ба ларза медароварданд.

Ҳахоманишиҳо, бархилофи дигар подшоҳони пешинзамони Шарқи қадим, нисбат ба оину мазҳабҳои соири халқҳо хеле ботаҳаммул муносибат карда, ҳатто маъбаду калисоҳои кишварҳои мухталифро (ба мисли ибодатхонаҳои

Бобул ва Яҳудистон) дубора барқарор намуданд. Хусусан, асосгузори давлати Ҳахоманишӣ Куруш шуҳрати зиёде пайдо карда буд. Форсҳо ӯро ҷадди кабир, бобулиҳо расули худои Мардук, юнониҳо раҷули бузурги давлатӣ ва яҳудиён наҷотбахши худо Яҳве номидаанд.

Дар замони Ҳахоманишиҳо барои тиҷорати байнихалқӣ шароити мусоид фароҳам омада буд. Сайёҳон ва донишмандон метавонистанд ба кишварҳои тобеи давлати Ҳахоманишӣ сафар кунанд. Бисёр намояндагони маъруфи маданияти Юнони Қадим (Гекатей, Геродот, Демокрит ва д.) он вақтҳо ба кишварҳои машриқзамин саёҳат намуда, ҳамватанони худро бо комёбиҳои мадании халқҳои Шарқ шиносониданд.

Ҳамаи ин ба вусъати уфуқҳои маданияти тобеиёни давлати Ҳахоманишӣ боис гардида, ба инкишофи алоқаи байни намояндагони халқҳои гуногун мусоидат намуд.

Чунонки маълум аст, Искандари Мақдунӣ нияти ба як ваҳдати маданию сиёсӣ муттаҳид кардани юнониён ва халқҳои Шарқро дар дил мепарварид ва ин орзуи худро бо кумаки сарбозони мақдунӣ ба амал овардан мехост, вале ҳар гоҳ ба муқовимати шадиди мардумон, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна дучор мегардид. Албатта, роҳи осоишта ва мусолиматомез бештар манфиатрасон ва самарабахштар буд ва ӯро ба ҳусули мақсад наздиктар менамуд. Бояд хотирнишон кард, ки оғози синтези мадании халқҳои гуногун ва ҷараёни аввалин марҳилаҳои инкишофи он дар зарфи 200 соли қабл аз футуҳоти Искандари Мақдунӣ ба вуқӯъ пайвастааст ва аз ин рӯ, тадбироти Искандар дар ин роҳ идомаи ҳамон сиёсати ҳахоманишиҳост.

Дар замони ҳахоманишиҳо дар дохили ҳар як кишвари тобеи онҳо намояндагони халқҳои мухталиф ҳамроҳ зиндагӣ ва кор мекарданд. Чунончи, дар ҷазираи Элефантинаи назди сарҳади Нубия ва дар шаҳри Мемфиси Миср мисриён, форсҳо, юнониён, хоразмиҳо, бобулиён, оромиҳо, яҳудиён, финикиҳо ва ғайра зиста, бо ҳам дар муомила буданд. Аксар вақт онҳо урфу одатҳои динии якдигарро пазируфта, на фақат ба худоёни худ, балки ба худоёни дигар ҳам саҷда меоварданд, ҳатто номҳои худро иваз намуда, номҳои дигаронро қабул мекарданд. Дар Ниппур ва дигар шаҳрҳои Бобул бобулиҳо, мисриҳо, кариҳо, лидиҳо, мидиҳо, яҳудиҳо, ҳиндуҳо, сакоиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо ва ғайра бо ҳам зиндагӣ ва кор мекарданд. Дар Шуш, Истахр ва шаҳрҳои дигар садҳо ва ҳазорҳо аҳли Миср, Бобул, Юнон ва ғайра зиндагӣ ба сар мебурданд. Ба ин шаҳрҳо аз Ҳиндустон сар карда, то Миср намояндагони халқҳои гуногун доимо рафтуо менамуданд. Маданияти моддӣ ва маънавии халқҳои мухталиф ба ҳам омезиш ёфта, дар заминаи он тадриҷан маданияти давлати Ҳахоманишӣ, ки бештар аз синтези донишҳои илмӣ, ҳунару санъат ва ақоиди мазҳабии бисёр кишварҳо иборат гардида буд, ба вуҷуд омад. Бисёр халқҳо, аз он ҷумла халқҳои Осиёи Миёна ҳам, ба ин маданият саҳми худро гузоштаанд. Дар давлати Ҳахоманишиҳо, махсусан бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, портҳо, марвониҳо, сакоиҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна роли бузурге бозидаанд.

Бисёр ҷанговарони моҳир ва корозмуда дар қӯшуни Ҳахоманишиҳо аз Осиёи Миёна буданд. Масалан, дар вақти ҷанги Юнону Форс, дар муҳорибаи Марафон дар қатори аскарони пиёдагарди форсҳо сарбозони савораи сакоӣ ҳам ширкат намуда, ҷанговарони дастаи марказии афиниҳоро ба ақибнишинӣ маҷбур карданд. Сакоиҳо ҳамчунин дар муҳорибаҳои назди Платей ва

Фермопил мардонагӣ ва ҷасорати фавқулода нишон доданд. Сарлашкари Форс Мардонӣ ба сафи қӯшуни яккачини худ, ки ба мақсади фатҳ кардани Юнон гирд оварда буд, дар қатори форсҳо ва мидиҳо бохтариҳо ва сакоиҳоро низ дохил намуд. Ҷанговарони сакоӣ дар ҳайати қӯшунҳои киштигард дар муҳорибаҳо иштирок мекарданд. Онҳоро дар сафи қӯшунҳои Миср ҳам дидан мумкин буд. Сафҳаҳои сафолиеро, ки дар онҳо сарбозони сакоии кулоҳ бар сар тасвир ёфтаанд, аз Миср то Осиёи Миёна, дар ҳамаи шаҳрҳои давлати Ҳахоманишӣ метавон пайдо кард.

Дар шаҳри Ниппури Бобул ва атрофи он маҳаллаҳои калони муҳоҷирнишин ба вуҷуд омада буд, ки дар онҳо сарбозони сакоӣ истиқомат мекарданд. Чунин масканҳои сарбозони сакоӣ дар дигар шаҳрҳои Бобул низ мавҷуд буданд. Чунончи, дар санади аҳди Дорои I аз шаҳри Сиппар Сакиэт ном марди сакоӣ ёд шудааст. Намояндагони дигар халқҳои Осиёи Миёна ҳам дар кишварҳои мухталиф хидмати сарбози ҳахоманиширо адо мекарданд ва ё бо сабабҳои дигаре ба он ҷойҳо ҳиҷрат менамуданд. Марди хоразмӣ Дарғмон дар ҷазираи дурдасти Элефантина зиндагӣ ихтиёр карда, дар он ҷой соҳиби ҷоҳу ҷалол гардидааст. Ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки дар санадҳои бобулии аҳди Дорои I занҳои қандаҳорӣ ва бохтарӣ, ки ба канизӣ фурӯхта шудаанд, ёд карда мешаванд. Намояндагони Осиёи Миёна ба тарафҳои Осиёи Хурд ҳам мерафтаанд.

Дар навбати худ аҳли кишварҳои ғарб ҳам ба Осиёи Миёна омада, сукунат ихтиёр мекарданд. Дар аҳди Хишоёршоҳ (асри V пеш аз милод) бисёр касон аз шаҳри юнонии Милет ба Осиёи Миёна муҳоҷират намуда, дар ин ҷо маскан гирифта буданд. Онҳо ба ду забон – ҳам ба забони маҳаллӣ ва ҳам ба юнонӣ гап мезаданд. Дар аҳди Дорои I аҳолии шаҳри Барк (Африқои шимолӣ) ба Бохтар кӯчонида шуда буданд. Ғайр аз ин, намояндагони идораҳои давлатии Ҳахоманишӣ, аз ҷумла муншиҳои оромӣ дар Осиёи Миёна зиндагӣ мекарданд.

Ҳарчанд мансабҳои муҳимми идораи давлат асосан дар дасти форсҳо буд, Ҳахоманишиҳо намояндагони дигар халқҳоро низ барои ишғоли мансабҳои калон роҳ медоданд. Касони аз Осиёи Миёна баромада ҳам аксаран мақомҳои баландро дар идораи давлат соҳиб мешуданд. Чунончи, дар асри IV пеш аз милод Амминаспи портӣ ҳукмрони Миср гардида буд.

Достони халқии эронӣ, ки аз фиқраҳои боқимондаи «Таърихи форс» ном асари табиби дарбори Ардашери II Ктесий ба мо маълум аст, аслан дар вилоятҳои Осиёи Миёна, бештар дар маҳалҳои бохтариҳо ва сакоиҳо офарида шудааст. Баъдтар вай ба тарафҳои ғарб интишор ёфта, пас аз тағйироту иловаҳо асоси ҳамосаи миллии эрониро фароҳам овард. Бисёр сюжетҳои ин достон ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дохил гардидаанд.

Оини Зардуштӣ, ки дар Осиёи Миёна ба зуҳур омада буд, дар замони Ҳахоманишиҳо ба Эрон ва боз дуртар ба тарафҳои ғарб паҳн шуда, баъдҳо (то замони тахти истилои арабҳо воқеъ гардидани Эрон ва Осиёи Миёна) мазҳаби давлатии эрониҳо қарор гирифт. Ҳанӯз дар асри V пеш аз милод дар шаҳри Мемфиси Миср маъбади худои эронӣ Митра вуҷуд дошт. Дар давраи империяи Рим парастиши Митра дар бисёр мамлакатҳо расм гардида, то ҷазираҳои Британия расида буд.

Мувофиқи маълумоти муаррихи бобулии асри III пеш аз милод Беросс, Ардашери II муҷассамаи олиҳа Анаҳиторо барои эҳтиром дар Бобул, Шуш, Экботан, Истахр, Бохтар, Димишқ ва Сардаҳ гузошт.

Чунонки аз навиштаҷоти хатти мехии бобулӣ ва папирусҳои оромӣ маълум мегардад, дар замони ҳахоманишиҳо муғҳои эронӣ ба Бобул ва Миср рафта, дар ин кишварҳо, зоҳиран, маросимҳои диниро ба ҷо меовардаанд,

Донишмандони Юнони Қадим аз оини зардуштӣ ба таври куллӣ балад будаанд, ки роҷеъ ба он рисолаҳои махсус ҳам таълиф намудаанд. Масалан, Арасту дар бораи муғҳо асаре офаридааст, ки то давраи мо фақат баъзе порчаҳои он боқӣ мондаанд. Ҳамчунин навиштаҳои Плутарх, Диогени Лаэртӣ ва дигарон доир ба дини зардуштӣ маълум аст. Муаррихи лидии асри V пеш аз милод Ксанф, муаррихи бобулӣ Беросс, файласуфи библӣ Филон ва бисёр донишмандони дигар низ ба забони юнонии қадим дар бораи зардуштия асар эҷод кардаанд. Оинномаҳои асосии зардуштӣ ба системаи фалсафаи юнониёни қадим таъсири муайяне расонидаанд.

Устодон ва ҳунармандоне, ки дар қаламрави Ҳахоманишиҳо кор мекарданд, анъанаҳои мадании гузаштагони худ ва халқҳои ҳамсояро эҷодкорона давом ва такмил медоданд.

Ҳанӯз дар аҳди Ҳахоманишиҳо дар сарзамини паҳноваре аз Сибир то навоҳии шимолии лаби баҳри Сиёҳ ҳунари махсуси тоифаҳои скифӣ дар тасвири ҳайвонот («сабки скифии тасвири ҳайвонот») ба вуҷуд омада буд. Асарҳои санъати ин сабк дар замонҳои қадим ба дараҷае шуҳрат дошт, ки баъзе наққошони юнонӣ аз онҳо истифода мебурданд. Санъати ҳахоманишӣ аз ҳамин «сабки скифии тасвири ҳайвонот», ки он вақтҳо дар байни аҳолии даштҳои Авруосиё, аз ҷумла Осиёи Миёна ҳукмфармо буд, хеле баҳраманд гардидааст (асарҳои барҷастаи онро дар навоҳии назди Арал, Ҳафтрӯд, Помир ва як қатор маҳалҳои Қазоқистон пайдо кардаанд). Осори санъати Ҳахоманишиҳо, маснуоти косибону пешаварони ҳахоманишӣ на фақат ба Осиёи Миёна, балки дуртар ба тӯли даштҳо, то ба маҳалли иқомати савроматҳо роҳ ёфта, дар навбати худ ба маданият ва санъати онҳо таъсири худро мегузоштанд.

Халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар бобати либос ҳам умумият доштанд, хусусан либоси хоразмиҳо, бохтариҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна хеле монанд буд, зимнан сакоиҳои тиграхуд бештар бо кулоҳи худ фарқ мекарданд. Либоси онҳо аз нимтанаи тасмакалон ва шалвори кӯтоҳ иборат буд. Намояндагони халқҳои Осиёи Миёна дар нақшҳои барҷастаи Бесутун, Тахти Ҷамшед ва Нақши Рустам тасвир ёфтаанд, ки ин барои донистани хусусиятҳои антропологӣ ва этнографии ин халқҳо аҳамияти бағоят калон дорад. Ин ёдгориҳо нишон медиҳанд, ки либоси форсҳо ҳам айнан мисли либоси мардумони Осиёи Миёна будааст.

Бозёфтҳои ҳафриёти қӯрғонҳои мансуб ба асрҳои VI–IV пеш аз милоди Олтой, ки ашёи аз пӯст, пашм ва намад сохташуда дар шароити яхбандии доимӣ ба хубӣ маҳфуз мондаанд, дар бораи алоқаҳои маданӣ ва тиҷоратии Эрони ҳахоманишӣ ва Осиёи Миёна шаҳодат медиҳанд. Порчаҳои матои пашмӣ ва гилеми пат, ки дар қӯрғони панҷуми Пазириқ ёфт шудаанд, хеле ҷолиби диққатанд. Онҳо аз дараҷаи баланди ҳунари бофандагӣ ва қолинсозии онвақта шаҳодат медиҳанд. Баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки ин гилемро

устодони форс ё мидӣ тайёр кардаанд, ба ақидаи дигарон вай моли ҳунармандони Осиёи Миёна аст. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки ин гуна гилемҳо ҳам дар Эрон ва ҳам дар Осиёи Миёна тайёр карда мешуданд, зеро тариқи бофт, нақшу нигор ва сужети лавҳаҳои дар онҳо тасвиршуда барои бисёр халқҳои эронизабон хос ва умумист.

Чунонки аз бозёфтҳои бостоншиносон ва тасвироти нақшҳои барҷастаи ҳахоманишӣ ҳувайдост, дар навъҳои мухталифи яроқу аслиҳа ва тариқи овехта гаштани он низ қаробат ва шабоҳати бештар ба назар мерасад. Дар ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна ва даштҳои Авруосиё савораи вазнинсилоҳи ҷавшанпӯш, кулоҳхуд бар сар ва баргустувон дар асп тимсоли марди мусаллаҳ гардида буд. Баъдтар ин навъи аслиҳаҷот дар Эрон ва Осиёи Пеш ҳам паҳн мешавад, ки мавҷудияти он дар ин маҳалҳо ба василаи санадҳои охири асри V пеш аз милод тасдиқ гардидааст.

Ниҳоят, халқҳои Осиёи Миёна дар офариниши осори бошукӯҳи санъати Ҳахоманишӣ ҳиссаи бузурги моддӣ гузоштанд. Тибқи навиштаҷоти Доро, барои сохтмони қасри Шуш аз Бохтар тилло, аз Суғд лоҷуворд ва ақиқ, аз Хоразм фирӯза бурда шудааст. Ин маълумот, инчунин ахбори муаллифони қадим ва ҳафриёти бостоншиносӣ аз дараҷаи баланди тараққиёти кори маъдан дар Осиёи Миёна ва таъсири он ба пешрафти кори маъдан дар Эрон шаҳодат медиҳанд. Ногуфта намонад, ки лоҷуварди Осиёи Миёна дар Ҳиндустон, Бобул ва Миср ҳам мавриди истифода будааст.

Ба ин тариқа, ба ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо дохил шудани Осиёи Миёна уфуқи ҷуғрофӣ ва донишҳои илмии эрониёни ғарбӣ, юнониён ва дигар халқҳоро хеле вусъат дод. Дар навбати худ халқҳои Осиёи Миёна бисёр комёбиҳои форсҳо, мидиҳо ва дигар мардумонро азхуд намуданд.

Вилоятҳои Осиёи Миёна нахустин бор бо хат пас аз дохил шудан ба ҳайати давлати Ҳахоманишӣ ошноӣ пайдо карданд. Ёфт шудани навиштаҷоти оромӣ дар ҳудуди собиқ сатрапиҳои шарқии давлати Ҳахоманишӣ (Таксил, Пули Дарунта ва Қандаҳор) бар он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар аҳди Ҳахоманишиҳо забон ва хатти оромӣ ба музофотҳои саргаҳи Ҳинд ва Осиёи Миёна нуфуз карда, дар расмияти идораҳои давлатии он ҷо истифода бурда мешудаанд. Дар аҳди Ҳахоманишиҳо ба тадриҷ қолабҳои ба забонҳои эронӣ гардонидани истилоҳот ва муншаоти оромӣ ба вуҷуд омадаанд.

Баъдҳо аз номаҳои идоравии оромии пас аз ҳахоманишиҳо чор системаи хатти идеографӣ: портӣ, форсӣ, суғдӣ ва хоразмӣ пайдо шуданд. Ин системаҳои хат дар Осиёи Миёна ва Эрон муддати чандин аср, то давраи истилои арабҳо мавҷудияти худро нигоҳ доштанд.

Чунонки таъйид гардида буд, дафинаи Амударё барои таҳқиқи ҳунар ва санъати Осиёи Миёна, аз ҷумла Бохтари миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод материали асосӣ медиҳад. Сиккаҳои давраҳои охири ин дафина мутобиқи соли 200-уми пеш аз милод буда, аксари ашёи он, бешубҳа, ба давраҳои қадимтар, яъне асри IV ва ҳатто асрҳои VI–V пеш аз милод мансубият дорад.

Дар байни ганҷҳои дафинаи Амударё як миқдор ашёи воридотӣ ҳам мавҷуд аст, аммо қисмати муҳимми ин дафинаро маснуоти маҳаллӣ ташкил менамояд. Устодони ин ҷо бо санъати дарбории Эрони ҳахоманишӣ, ки намунаи барҷастаи он қасрҳои бошукӯҳи Истахр ва Шуш мебошад, шиносоӣ доштанд. Саҳнаи шикори шер, ки дар рӯйбасти заррини наём тасвир шудааст,

ҳамчунин сурати шер аз таъсири анъанаи мактаби устодони нақшҳои машҳури ошурӣ, ки яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи онҳо шер шикор кардани подшоҳ буд, шаҳодат медиҳад.

Санъати Бохтари Қадимро боз дигар як мактаби шоистатаре буд, ки онро бо санъати дунёи васеи тоифаҳои бодиянишин наздик менамуд. Тарзи хеле гӯёву фасеҳ, муассиру пурҷазаба, дар ҳаракати тез, ҳолат ва чарху печҳои ғайриодӣ тасвир кардани ҳайвонот ҷиҳати хоси ин санъат аст. Нақши ин сабки тасвирро дар ашёи хизонаи Амударё ҳам метавон мушоҳида намуд. Чунончи, ҳайкалчаҳои гавазн, муҷассамаи нуқрагии буз дар вазъи ҷаҳиш, саҳнаи саворон ҳангоми шикори бузу харгӯш аз ҳамин қабиланд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, дар асри IV пеш аз милод бузургзодагони суғд майдонҳои шикори худро доштаанд ва, аз ин рӯ, табиист, ки саҳнаи шикор дар санъати Бохтари Қадим ин тариқа маъмул ва машҳур аст. Бинобар ин, дар вақти омӯхтани санъати «сабки тасвири ҳайвонот» бояд мавқеи мактаби ҳунарии Бохтар ва дигар воҳаҳои иқоматиро ба назар гирифт.

Дар замони Ҳахоманишиҳо ба тавассути ривоҷи касбу ҳунар ва муносибатҳои пулию молӣ тараққиёти босуръати шаҳрҳои Осиёи Миёна, ҳамчун марказҳои маъмурӣ ва ҳунармандӣ шурӯъ гардид. Ҳаминро ҳам бояд хотирнишон кард, ки халқҳои Осиёи Миёна дар давраи Ҳахоманишиҳо аввалин бор бо пули танга ошно шуданд. Намунаҳои тангаи тилло ва дигар сиккаҳои системаи пулии ҳахоманишӣ аз хоки Осиёи Миёна пайдо карда шуд. Дар замони Ҳахоманишиҳо робитаҳои тиҷоратии Осиёи Миёна бо дигар кишварҳо беш аз пеш инкишоф ёфт, ки ба ин то Бохтар расидани роҳи корвонрави Эрону Бобул мусоидат менамуд. Дар ҳафриёти маҳалҳои Осиёи Миёна намунаҳои санъати Эрони ғарбӣ, Миср ва дигар мамлакатҳо ёфт шуданд. Дар байни онҳо маснуоти давраи Ҳахоманишӣ низ мавҷуд аст, ки онҳоро пешаварони юнонӣ дар резишгоҳи Нил, дар шаҳри Навкратис сохтаанд.

Ғайр аз ин, халқҳои Осиёи Миёна дар аҳди Ҳахоманишӣ на фақат бо маданияти эрониёни ғарбӣ, балки ҳамчунин бо тамаддуни бостонии Аллом, Бобул, Миср ва дигар кишварҳо низ шиносоӣ пайдо карданд.

Ҳамин тариқа, ба ҳайати давлати Ҳахоманишӣ дохил шудани Осиёи Миёна барои тараққиёти маданият ва муассисаҳои давлатии ҳам худи ин сарзамин ва ҳам ҳамсояҳои ғарбии он аҳамияти хеле калон дошт. Он сарватҳои умумии маданӣ, ки дар он замон ба вуҷуд омада буданд, муддати чандин асрҳо давом карданд.

Давлати бузурги Ҳахоманишиҳо, ҳамчун яке аз пуриқтидортарин империяҳои ҷаҳонии қадим беш аз 200 сол мавҷудияти худро нигоҳ дошт. Комёбиҳои соҳаи хоҷагӣ ва анъанаҳои сиёсӣ ва маданӣи он дар давраҳои баъдина, дар аҳди эллинизм ва мавҷудияти давлатҳои портҳо ва сосониён низ ҳамоно дар таърихи халқҳои Шарқ роли муҳим мебозиданд.

Маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ дар бораи пешрафти муҳимми соҳаи қувваҳои истеҳсолкунандаи давраи Ҳахоманишӣ (чунончи, паҳн шудани олоти оҳан дар кишварҳои гуногун – аз Миср то Осиёи Миёна), тараққиёти зироат, обёрӣ ва ба таври васеъ азхуд кардани заминҳои нав, равнақи касбу ҳунар, вусъати шаҳру деҳот, ривоҷи тиҷорати дохилӣ ва байналхалқӣ шаҳодат медиҳанд. Маданият ва санъати давлати Ҳахоманишӣ,

ки тавассути амали мутақобили фаъолонаи анъанаҳои мадании қавмҳои мухталиф ба вуҷуд омада буд, на фақат аз салтанати Ҳахоманишиҳо зиёдатар умр дид, балки ба тараққиёти маданияти халқҳои гуногуни Шарқ ва Ғарб таъсири амиқе расонид. Ба ин тариқа, ваҳдати сиёсии давраи ҳахоманишии бисёр халқҳои Шарқ марҳилаи муҳимми инкишофи иқтисодӣ ва мадании тамаддуни тамоми ҷаҳон гардид, ки роли қавму тоифаҳои Осиёи Миёна дар ин давра ниҳоятдараҷа бузург буд.

Барқароршавӣ ва тамоми давраи мавҷудияти давлати Ҳахоманишиҳо бо авҷ гирифтани муборизаҳои синфии оммаи халқ бар зидди истисморкунандагон алоқаманд гардидааст. Давлати Ҳахоманишиҳо ҳам, мисли тамоми дигар империяҳо, бо ҷангҳои истилогарона ва фурӯ нишондани шӯришҳои қавму тоифаҳои гуногуни дохили мамлакат ба вуҷуд омада, вусъат пайдо кардааст. Вале дар баробари ин, чунонки зикр гардид, ба миён омадани иттиҳодияи чандин кишварҳо ба тараққиёти тамаддуни Шарқ ва таҳкими робитаҳои мутақобили иқтисодию мадании бисёр халқҳо мусоидат намуд.

# БОБИ ДУВУМ

# МУБОРИЗАИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БА МУҚОБИЛИ ИСТИЛОГАРОНИ ЮНОНУ МАҚДУНӢ

## 1. ЛАШКАРКАШИИ ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ БА ШАРҚ

### Тараққии Мақдуния

Дар аҳди салтанати Файлақуси II (359–336 пеш аз милод) иқтидори Мақдуния афзуда, марказиятнокӣ ва иттиҳоди он устувор мегардад, ки дар ин бобат барҳам додани майлҳои ҷудоихоҳии аъёну ашрофи мақдунӣ роли муҳим бозид. Файлақус дар ташкили қӯшун ҳам дигаргунӣ ба амал овард. Аз ҷумла, дар қӯшуни пиёдагард воҳидҳои ҷудогона – сафҳои зичро ҷорӣ кард. Хусусан кор карда баромадани усулҳои нави тактикӣ, ба ҳам алоқаманд намудани амалиёти навъҳои гуногуни қӯшун аҳамияти калон дошт. Ба Файлақус муяссар гардид, ки қисмати муҳимми Юнонро ба таҳти тасарруфи худ дароварад. Соли 337 дар конгресси Коринф мавқеи ҳукмронии Мақдуния бар Юнон эътибори расмӣ пайдо намуд. Ҳамон вақт ҷанги муқобили Форс эълон карда шуд. Соли 336 қӯшуни даҳҳазорнафараи Файлақус дар Осиёи Хурд ба муҳорибаи зидди форсҳо шурӯъ кард. Вале дар ҳамин вақт Файлақус аз дасти посбони шахсии худ кушта шуд.




**Танга бо тасвири Искандари Мақдунӣ**

Писари бистсолаи ӯ Искандар ба сари ҳокимият омад, ки дар таърих бо номи Искандари Мақдунӣ ва дар ривоятҳои мардуми шарқ Искандари Зулқарнайн шуҳрат ёфтааст. Пас аз ҳалокати Файлақус шаҳрҳои юнонӣ хостанд дубора истиқлолияти худро соҳиб шаванд. Аммо Искандар ба зудӣ ин фикру хаёлро аз сари онҳо дур андохт. Маълум шуд, ки вай дар ҳокимият аз падараш ҳам бераҳмтар будааст. Дере нагузашта Искандар тамоми душманони худро ба сари итоат овард. Энгелс қайд мекунад, ки «Файлақус ва Искандар ба нимҷазираи Эллин ваҳдати сиёсӣ бахшиданд»...[1]

Искандар ба ҷанги зидди давлати Ҳахоманишӣ тайёрии зӯр медид. Вай ҳам мисли падараш ба ташкил ва такмили қӯшун, хусусан аскарони савора бисёр аҳамият медод. Қӯшуни пиёдагарди зичсафи машҳури юнонӣ-мақдунӣ ҳам бо найзаҳои тезпайкон ва сипарҳои тирногузари худ мисли сангпушти зиреҳпӯши теғдор қувваи ҳамлаовари даҳшатангезе ба шумор мерафт. Ҷиҳати заифи он сустҳаракатӣ буд. Дар муҳорибаҳои Осиё қӯшунҳои пиёдагарди сабукбор ва тезрафтор роли калон мебозид. Ин қӯшун дорои манҷаниқҳои мукаммал, василаҳои хуби алоқа ва таъминот буд.

## Шикасти давлати Ҳахоманишӣ

Искандар ба тавассути хабарҳое, ки аз Форс мерасид, аз вазъияти ноустувори давлати Ҳахоманишӣ ба хубӣ огоҳ гардида буд.[2]

Подшоҳи ҳахоманишӣ Ардашери II Мнемон 115 писар дошт. Пас аз фавти ӯ дар соли 358[3] пеш аз милод яке аз писаронаш, ки бо номи Ардашери III Ох машҳур аст, ба тахт нишаст. Ох, ки ҳанӯз дар вақти зиндагии падараш бо макру фиреб бародаронашро нобуд сохта буд, баробари нишастан ба тахти салтанат тамоми хешовандони худро сарфи назар аз синну ҷинс ба қатл расонид ва бо ҳамин дар таърих ҳамчун хунхортарин подшоҳи ҳахоманишӣ ном баровард.

Солҳои аввали ҳукмронии ӯ бо ҷангҳои муттасили Осиёи Хурд гузашт. Сипас, ҷанги тӯлонӣ ва хунрезонаи Миср, ки аз итоати давлати Ҳахоманишӣ сар кашида буд, оғоз ёфт. Агарчанде ин ҷанг дар соли 341 пеш аз милод тамом шуд, Мисри Поён (ҳамчунин Финиқия ва Кипр) ба тасарруфи империяи Ҳахоманишӣ даромад, дар натиҷаи ҷангҳои пурдавом худи империя хеле заиф ва хароб гардид. Ардашери III ба мақсади як дараҷа таъмин кардани саботи давлат ба сатрапҳои Осиёи Хурд нигоҳ доштани қӯшуни кироявро манъ намуд. Ин тадбири муҳим буд, вале дар сари вақт ба амал наомад. Соли 338 Ардашери III Ох бо амри хоҷасарой Боҳуй, ки он вақтҳо нуфузи хеле калон дошт, аз тарафи табиби худ заҳр дода кушта шуд[4].

Бесарусомоние, ки пас аз марги Ардашери III дар хонадони подшоҳӣ ҳукмфармо гардид, умеди душманони юнонии Ҳахоманишиҳоро қавитар намуд. Подшоҳи нави ҳахоманишӣ Арсас бозичаи дасти дарбориён гардида

[1] К.Маркс и Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 22, с. 483.

[2] Нақли батафсил: Olmstead A.F., 1959, p. 427 ff.

[3] Санаи дигар, соли 359 ҳам, оварда мешавад.

[4] Ба ақидаи Олмстеад Ардашери III Ох бо вуҷуди хунхориаш ҳукмрони қобилиятноке буд. Вале хулосаи ӯ дар бораи ин ки Боҳуй вайро кушта, давлати Ҳахоманиширо вайрон кард (Olmstead A.F., 1959, p. 48), тамоман идеалистӣ ва аз ҳақиқат дур аст.

буд, ки ба онҳо Боҳуй сардорӣ мекард. Вақте ки Арсас раъйи худро гузарониданӣ шуд, хоҷасарои тавоно фармуд, ки ӯро низ заҳр дода нобуд созанд (Арсас камтар аз ду сол ҳукмронӣ кард); писарони ӯро ҳам ба қатл расониданд. Чун аз хонадони аслии Ҳахоманишиҳо касе ҷон ба саломат набурда буд, хоҷасарои «подшоҳнишон» яке аз хешовандони дури Арсасро, ки ба таърих бо номи Дорои III Кудумон дохил шудааст, ба сари салтанат овард. Дере нагузашта Боҳуй хост ин дастнишондаи худро ҳам ба ҳалокат расонад, вале подшоҳ аз қасди ӯ пай бурда, бо зӯр косаи заҳрро ба худаш нӯшонид.

Низоъҳои дохили салтанатӣ ва табаддулотҳои дарборӣ ҳокимияти марказии давлати Ҳахоманиширо бениҳоят суст карда, кӯшишҳои ҷудоихоҳии табақаи ҳукмрони музофотҳоро беш аз пеш қувват дод. Тараққии иқтисодии вилоятҳои ҷудогона, ки ба ҳайати давлати Ҳахоманишӣ дохил карда шуда буданд, ба чунин майлҳои истиқлолхоҳӣ мусоидат менамуд. Ҳарчанд ки дар бораи сиёсати иҷтимоии давраҳои охири мавҷудияти ҳахоманишиҳо маълумоти бевосита мавҷуд нест, нуфузи мутлақи аъёну ашрофи онвақтаро метавон яқинан тасаввур намуд. Сиёсати мувозанаи иҷтимоӣ, ки Дорои I эълон карда ва наздиктарин ворисони ӯ идома медоданд, дар вақтҳои охир дур партофта шуд. Базаи иҷтимоии ин сулола ниҳоятдараҷа маҳдуд гардид. Оммаи халқ бар зидди зулму тааддии Ҳахоманишиҳо беист мубориза мебурданд; муттасил шӯру ошӯбҳо ба амал меомаданд.

Мана дар чунин як вазъият байни давлатҳои Юнони мақдунӣ ва Ҳахоманишиҳо ҷанг сар шуд. Аз сар шудани амалиёти ҷанг дере нагузашта дар муҳорибаҳои назди наҳри Граник (майи с.334 пеш аз милод) ва шаҳри Иеса (тирамоҳи с.333 пеш аз милод) қӯшуни Ҳахоманишиҳо ба зарбаи сахт дучор гардид ва Искандари Мақдунӣ Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Финиқия ва Мисрро забт кард. Баҳори соли 331 лашкари юнону мақдунӣ ба қисмати марказии империяи Ҳахоманишӣ ҳаракат намуд.

1 октябри соли 331 пеш аз милод дар назди Гавгамела ном деҳаи шимоли шарқии Байнаннаҳрайн муҳорибаи шадиде рӯй дода, қӯшуни ҳахоманишӣ тамоман торумор гардид. Дорои III гурехт. Лашкари юнону мақдунӣ дар маркази давлати Ҳахоманишӣ ғолибона роҳпаймоӣ карда, сипас, тақрибан бе ҳеҷ муқобилат Бобул, Шуш, Истахр ва Экботанро ишғол намуд ва ғанимати беҳадду ҳисобе ба даст даровард.

Ҷанг бо ғалабаи комили Искандар анҷом ёфт, вале ӯ ба ин қаноат накарда, аз пайи дастгир кардани Дорои III афтод. Лашкари юнону мақдунӣ подшоҳи ҳахоманиширо, ки ба самти шимолу шарқ фирор мекард, таъқиб намуд. Дар ҳамин вақт аъёну ашрофи бо Дорои III ҳамроҳикунанда бар зидди ӯ суиқасд ташкил карданд. Тарсуӣ ва беҷуръатии Дорои III ва аз истеъдоди ҷангӣ маҳрум будани ӯ ба ғалабаи душман хеле мусоидат намуд. Вай на он симое буд, ки дар гирди ӯ қувваҳои зиддимақдунӣ ҷамъ оянд. Дар ҳамин лаҳза сатрапи Бохтар Бесс, ки аз хешовандони худи Доро буд (Арриан, III, 21, 5), чун шахси муҷоҳид зуҳур карда, дар сари суиқасдкунандагон қарор гирифт. Дар натиҷаи исёни сардорони лашкар Дорои III ба зиндон партофта шуда, сипас ба қатл расид. Бесс худро бо номи салтанатии Ардашер подшоҳи ҳахоманишиҳо эълон кард ва барои муқовимати зидди қӯшуни юнону мақдунӣ ба ҷамъ кардани қувва пардохт.

## Муҳорибаҳо дар дамгаҳи Осиёи Миёна

Дар сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба чораҷӯиҳои Бесс баъзе маълумот мавҷуд аст. Аввалан, ӯ кӯшиш кард, ки ҷиҳати қонунии ҳокимияти худро таъмин намояд. Зуҳуроти чунин кӯшишҳои Бессро дар ахбори Диодор (XVII, 74, 1-2) роҷеъ ба Бохтар метавон пай бурд: «Бесс ваъда дод, ки ба ҷанг сардорӣ мекунад ва мардум бовар карда, ӯро подшоҳ хостанд». Дар ин сарчашма ҳамчунин хотирнишон мешавад, ки Бесс «аскар ҷамъ кард ва аслиҳаи бисёр омода намуд».

Бесс муваффақ гардид, ки аз сатрапиҳои ҳамсоя, пеш аз ҳама Ориё (вилояти имрӯзаи Ҳирот) ва инчунин аз мардумони бодиянишин барои тарафдорӣ ризоият гирад. Як навъ «Иттифоқи сатрапиҳо» ташкил ёфт. Аммо ба ӯ таъмини пуштибонии табақаҳои васеи аҳолӣ муяссар нагардид. Яке аз сабабҳои асосии ин ба худ ном ва унвони подшоҳи ҳахоманиширо гирифтани Бесс буд. Илова бар ин, ба ӯ фурсат кифоя намекард: аз тарафи ғарб лашкари юнону мақдунӣ босуръат наздик меомад.

Аввалин дафъа лашкари юнону мақдунӣ дар Ориё ба муқовимати сахт дучор гардид. Ба Искандари Мақдунӣ бештар аз як моҳ лозим омад, то муқовимати ориёиҳоро фурӯ нишонад. Дастаи сершумори савораи ориёӣ бо сардории Сатибарзан аз дасти Искандар раҳоӣ ёфта, ба қӯшуни Бесс ҳамроҳ шуд.

Искандари Мақдунӣ вилоятҳои ҷанубии Афғонистонро, ки дар он ҷойҳо низ, зоҳиран, тарафдорони Бесс мавҷуд буданд, забт намуда, ба воситаи ағбаи Ҳиндукуш роҳи шимолро пеш гирифт. Ҳангоми ба даштҳои шимоли Афғонистон баромадани лашкари юнону мақдунӣ дар ихтиёри Бесс 7 ё 8 ҳазор бохтариҳои мусаллаҳ ва боз чанд даста сарбозони дигар буданд (Арриан, III, 28, 5; Квинт Куртсий, VII, 4, 20). Дуруст аст, ки Бесс ба мақсади нигоҳ доштани як қисми лашкари Искандар Сатибарзанро бо ду ҳазор аскари савора ба Ориё фиристод ва дар он ҷо шӯриш сар зад, ки Искандарро маҷбур сохт барои фурӯ нишондани он қисмате аз қувваҳои ёрирасони худро равона кунад. Бо вуҷуди ин нируи Искандар аз нируи Бесс хеле зиёд буд. Аз ин рӯ, Бесс ба тарафи шимол, ба Бохтари ин сӯйи Амударё, яъне ба Осиёи Миёна ақиб нишаст.

Дар таълифоти илмӣ роҷеъ ба моҳият ва оқибати амалҳои Бесс фикру андешаҳои мухталиф баён ёфтаанд. Ба назари мо, ин амалиёт, сарфи назар аз кӯшишу ҳаракатҳои шахсии салтанатталабонаи худи Бесс, объективона аҳамияти прогрессивӣ дошт. Ба тавассути мубориза, ки бо сардории Бесс вусъат пайдо намуд, ҳамлаи лашкари юнону мақдунӣ ба Осиёи Миёна якчанд моҳ (ва шояд ним сол ҳам бошад) ба таъхир афтод, зеро аскарони Искандар дар натиҷаи муқовиматҳои сари роҳи ин сарзамин заифу беҳол гардида буданд. Муборизаи «иттифоқи сатрапиҳо» бар зидди лашкари истилокори юнону мақдунӣ муқаддимаи он муборизаи ҳақиқатан ҳам халқиест, ки баъдтар дар сарзамини Осиёи Миёна бо вусъати тамом ба амал омад.[5]

[5] ИТН, I, с. 241-242.

# 2. МУБОРИЗАИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БО ҚӮШУНИ ЮНОНУ МАҚДУНӢ

## Қувваҳои ҳарбӣ ва ҳунари ҷангии халқҳои Осиёи Миёна

Халқҳои Осиёи Миёна бо кадомин қувваҳо муқобили Искандари Мақдунӣ муқовимат карданд? Бояд қайд кард, ки камбудии асосии қувваҳои мудофиавии Осиёи Миёна марказият надоштани онҳо буд. Дар даврае, ки мавриди баҳси мо қарор гирифтааст, фақат як қисми Осиёи Миёна ба қаламрави Ҳахоманишиҳо дохил шуда ва он ҳам ба дараҷаи лозима устувор набуд; вилоятҳои боқимондаи ин сарзаминро ҳокимони соҳибихтиёр ва пешвоёни қабилаҳо идора мекарданд.



**Хӯди биринҷии Осиёи Миёна**

Ҳунари аслиҳасозии Осиёи Миёна дар асри IV пеш аз милод хеле равнақ пайдо карда буд. Аскарони Осиёи Миёна аз аслиҳаҷоти ҳуҷум бештар ханҷар ва шамшерҳои оҳанӣ ва аҳёнан биринҷиро истифода мебурданд, ки дастаи онҳо аксаран бо нақшу нигори зебо оро дода мешуд. Ханҷарро ба паҳлуи рост меовехтанд. Мардуми Осиёи Миёна ханҷарро карта меномиданд. Дар баробари ин, зоҳиран, истилоҳи акинок низ ба кор бурда мешуд. Шамшерҳо хеле калон буда, дарозиашон то 1,2 метр мерасид. Аксар вақт дар муҳориба табарҳои ҷангӣ – сагарис ба кор медаромад. Баъзе намунаҳои ин қабил

табарҳои ҷангии яктеға ва дутеға дар ҳафриёти гӯрхонаҳои қадимаи Помир ёфт шудаанд. Геродот (1, 215) ва Страбон (XI, 86) хабар медиҳанд, ки сеҷираҳои массагетҳо мисӣ буданд. Найзаҳои дароз бо пайконҳои биринҷӣ ё оҳанӣ, ки аршти меномиданд, аз аслиҳаҷоти муҳим ба шумор мерафтанд. Беҳуда нест, ки Геродот (I, 215) массагетҳоро «найзадорон» номидааст. Он вақт гурз мавқеи чандон муҳим надошт.

Ба сифати силоҳи дурзан бештар камон истифода мешуд. Ҳанӯз дар миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна камони мураккабсохти ба истилоҳ навъи скифӣ мустаъмал буд. Ин навъи камон бо дурзанӣ ва нишонрасии худ фарқ мекард. Дар манбаъҳо якчанд хели ин аслиҳа зикр шудааст. Барои тайёр кардани камони бохтарӣ, ҳамчунин камонҳои суғдӣ, портӣ ва хоразмӣ найро ба кор мебурдаанд (Геродот, VII, 54, 66). Дар сарчашмаҳо сакоиҳо ва массагетҳои «камонандоз» ва «камонандозони савора» ёд шудаанд (Геродот, I, 215; Ксенофонт, «Киропедия», V, 3, 24; Арриан, III, 8, 3). Сарбозони Осиёи Миёна дар фалахмонпарронӣ ҳам хеле моҳир будаанд (Арриан, IV, 3, 3; Квинт Куртсий, VII, 6, 2, 22; Плутарх, «Ҳаёти Искандар», XV, 3).

Сарбозон худро бо ҷавшан муҳофизат мекарданд. Квинт Куртсий (IV, 9, 3) менависад, ки мардуми саҳронишини Осиёи Миёна «аз варақаи оҳан» барои худ зиреҳ месохтанд. Бар тибқи маълумоти Арриан (III, 13, 4) сарбозони Осиёи Миёна дар вақти ҷанг худро бо зиреҳҳои филизӣ «тамоман мепӯшониданд». Онҳо бар сар кулоҳхӯд доштанд, ҳамчунин сипарҳои гуногунҳаҷму гуногуншаклро барои муҳофизати худ истифода мекарданд. Ба қавли Геродот (1, 215), аспҳои массагетҳо ба василаи баргустувон муҳофизат карда мешуданд. Аз эҳтимол дур нест, ки умуман Осиёи Миёна ҷойи тавлиди афзори муҳофизаи асп – баргустувон бошад. Ин ихтирои муҳимми ҷангӣ сонитар ба тарафи ғарб – ба Эрони ҳахоманишӣ, ба тарафи ҷануб – ба Ҳиндустон, ба тарафи шарқ – ба Хитой паҳн гардид. Дар Осиёи Миёна дучархаҳои ҷангӣ ҳам мавҷуд буданд.

Охирҳои асри биринҷӣ дар Осиёи Миёна ҳунари истеҳкомсозӣ ба вуҷуд меояд. То вақти тохтутози истилокорони юнону мақдунӣ шаҳрҳои ин сарзамин иншоотҳои бузурги мустаҳкам доштанд. Илова ба истеҳкомоти умумӣ шаҳрҳои калонро бо қалъаҳои баланд иҳота карда, дар девори қалъа манораҳо нишонда, тиркашҳо сохта буданд.

Дар Осиёи Миёна аз рӯйи навъҳои қӯшун ба қисмҳо ҷудо кардани қувваҳои аскарӣ маъмул буд. Ҳар яки ин қисмҳо алоҳида саф ороста, баъзан дар вақти ҳуҷум ба ҳам ҷафс мешуданд ва паси ҳам қарор гирифта, қувваи бузурги ҳамлавареро ташкил медоданд. Дар баробари ин боз як усули тактикӣ – ақибнишинии стратегӣ мавҷуд буд: қӯшуни савора дар вақти ҳуҷум якбора ақиб рафта, аз самти дигар барқвор зарба мезад. Умуман, разми ҳуҷум бо фурӯ рехтани сели қӯшуни савора сар мешуд, ки мудофиакунандагон онро аввал аз дур бо тиру найза пешвоз гирифта, сонӣ, баъди тамоман наздик шудан ба ҳамлаи қатъӣ мегузаштанд ва ниҳоят тан ба тан ҷанг карда, душмани рӯ ба гурез ниҳодаро таъқиб менамуданд. Дар лаҳзаи ҳалкунанда қувваи эҳтиётӣ ба майдон дароварда мешуд.

Сарчашмаҳои қадима ба ҳунари ҷангии сакоиҳо арзиши баланд додаанд, ки инро дар вақти ҷанги зидди Форс юнониҳо хеле хуб эҳсос намуда буданд. Баъдтар худи Искандари Мақдунӣ ҳам борҳо нахустин мартаба дар сари

муҳорибаи назди Гавгамела, вақте ки аскарони савораи сакоиву бохтарӣ қӯшуни пешоҳанги Искандарро ба фирор маҷбур карданд, ба ин боварӣ ҳосил намуд (Арриан, III, 13).

Муҳаққиқони кори ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна ба чунин хулосаҳо расидаанд: «1. Аслиҳаҷоти қӯшуни Осиёи Миёна ба дараҷаи нисбат ба замони худ баланд расида буд ва аз баъзе ҷиҳатҳо, ҳатто аз яроқу аслиҳаи қӯшуни юнону мақдунӣ ҳам бартарӣ дошт. 2. Қӯшунҳои Осиёи Миёна усулҳои гуногуни тактикии ҳуҷум ва мудофиаро ба кор мебурданд. 3. Ба тавассути иштирок дар ҷангҳои давлати Ҳахоманишӣ бар зидди юнониҳо, аз ҷумла дар муҳорибаҳои зидди Искандари Мақдунӣ (берун аз ҳудуди Осиёи Миёна) сардорони қӯшунҳои Осиёи Миёна аз силоҳ ва усулҳои тактикии ҳам қӯшуни ҳахоманишӣ ва ҳам юнону мақдунӣ хеле хуб огоҳ буданд. 4. Иқтидори ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои VI–IV пеш аз милод бисёр баланд буд, ки ин дар муборизаи онҳо ба муқобили истилогарони аҷнабӣ омили муҳимме гардид»[6].

## Амалиётҳои ҳарбӣ дар Мовароуннаҳр

Арриан (III, 28, 9-10) воқеаро ба қарори зайл нақл мекунад: «Вақте ки ба Бесс наздик расидани Искандарро хабар доданд, ӯ аз дарёи Окс (Амударё– Б.F.) убур намуд: киштиҳоеро, ки онҳо аз дарё гузашта буданд, сӯзонид ва худ ба сарзамини Суғд, ба Навтоқ рафт. Спитаман, Укборт бо савораҳои суғдӣ ва дойӣ аз Танаис гузашта, аз паси ӯ равон шуданд». Ин ҷо аввалин бор дар сарчашмаҳо номи қаҳрамони муборизаи зиддимақдунӣ Спитаман зикр гардидааст[7].

Искандар дар зарфи панҷ рӯз қувваи аскари худро аз дарёи Аму гузаронид[8]. Воқеаҳое, ки сарчашмаҳо дар ин маврид баён кардаанд, ниҳоятдараҷа мубҳам ва пурихтилоф аст[9]. Бесс аз тарафи Спитаман ва дигар ҳамсафони худ ахз гардида, ба дасти Искандари Мақдунӣ супурда мешавад. Сабаби чунин рафтори ҳамроҳони Бесс маълум нест. Шояд дар ҳамин лаҳзаи мубориза аз худ аҷзу нотавонӣ зоҳир кардани Бесс ва ба ин нигоҳ накарда мавқеи роҳбариро ихтиёран ба каси дигар додан нахостанаш боиси маҷбуран аз миён бардоштани ӯ гардида бошад[10]. Вақте ки Искандар ба Бохтар бозгашт намуд, шӯрои саркардагони ҳарбии мақдунӣ ва амалдорони ба тарафи ӯ гузаштаи форсро даъват кард ва дар ин шӯро Бесс ҳамчун қотили шоҳи «қонунӣ» ва ғосиби унвони подшоҳӣ айбдор карда шуд. Искандар амр кард, ки бинӣ ва гӯшҳои Бессро бурида, ӯро ба ҳамин сурат ба Экботан бибаранд ва дар пеши назари мидиҳо ва форсҳо ба қатл расонанд. Бояд гуфт, ки Искандар

---

[6] Литвинский Б.А., Пянков И.В., 1966, с. 51-52; Литвинский Б.А., 1966.

[7] Абаев В.И., 1959, эзоҳи 2 дар с. 114.

[8] Тревер К.В., 1947, с. 114.

[9] Доир ба масъалаи ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна ва муборизаи халқҳои ин сарзамин ба муқобили истилои юнону мақдунӣ тадқиқоти зиёде мавҷуд аст. Хусусан ниг.: Григорев В.В., 1881; Тревер К.В., 1947; Zolling Th., 1875; Schwarz F., 1906.

[10] В.В.Григорев дар асари худ «Ҳуҷуми Искандари Бузург ба Туркистони ғарбӣ» менависад, ки азми Бесс бо «рафтори ниҳоят буздилонаи ӯ» алоқаманд аст.

қатли Бессро чун интиқом бар ивази ғасб намудани ҳокимияти шоҳ донист, бо ҳамин мехост аъёну ашрофи форсро ба тарафи худ ҷалб намояд.

Искандар пас аз ишғол кардани Навтоқ ба маркази Суғд Мароканд равона шуд ва онро забт кард[11]. Аз афташ, дар ноҳияи Мароканд, ба муқовимат дучор омад. Ба қавли Квинт Куртсий (VII, 6, 10), «Искандар дар шаҳр гарнизон гузошт ва деҳоти атрофро сӯхта, ба харобазор табдил дод». Сипас, ӯ бо лашкари юнонӣ ба самти шимоли шарқӣ ҳаракат намуд. Лекин дар ин роҳ ба мушкилоти бузурге дучор гардид. Суғдиҳо ҳама чун як тан ба муқобили истилокорони юнону мақдунӣ сар бардоштанд. Вақте ки масъалаи озодӣ ва истиқлолияти ватанашон ба миён омад, онҳо бо тамоми мардонагӣ барои мудофиаи кишвари худ бар зидди истилогарони юнонӣ чунон мубориза бурданд, ки ин мубориза дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи қадимаи халқҳои Осиёи Миёнаро фароҳам овардааст. Яке аз аввалин намунаҳои ин мубориза бархӯрдани таҷовузкорони юнонӣ бо тоифаҳои суғди вилояти кӯҳистонии Уструшан мебошад, ки дар вақти аз кӯҳсори байни Мароканд ва Киропол гузашта истодани аскарони Искандар рӯй дода буд.

Чанд даста аскарони юнонӣ барои мусодира кардани озуқа ва хӯроквории ҳайвонот ба тарафи қишлоқҳои Уструшан фиристода мешаванд. Аҳолии озодихоҳи ин маҳалҳо бар зидди бедодгариҳои истилогарон сар мебардоранд. Искандар аз ин аҳвол хабардор шуда, ба муқобили онҳо лашкар мекашад. Шӯришгарон бо фишори қӯшуни юнону мақдунӣ маҷбуран ба кӯҳсор фирор карда, дар он ҷо камин мегиранд[12]. Задухӯрд дар кӯҳсори серхарсанги душворгузар ба амал меояд. Суғдиҳо то охирин қувваи худ муқобилат мекунанд ва чи навъе ки Арриан хабар медиҳад, аксари онҳо ба дасти душман афтоданро нахоста, худро нобуд месозанд. Ниҳоят, Искандар муқовимати суғдиёни кӯҳистонро бо машаққати зиёде фурӯ менишонад, вале дар натиҷаи ин лашкаркашӣ 22 ҳазор нафар аз халқи маҳаллӣ кушта мешавад. Лашкариёни юнону мақдунӣ ҳам талафоти зиёде медиҳанд. Худи Искандари Мақдунӣ сахт ярадор мешавад (Арриан, III, 30, 10-11).

Искандар пас аз ин ваҳшонияте, ки нисбат ба суғдиёни Уструшан зоҳир намуд, ба сӯйи Сирдарё равона гардид. Дар ин вақт дарёи Сир ҳудуди байни дашти бодиянишинон ва водиҳои зироатӣ ҳисоб мешуд: дар соҳили рости дарё сакоиҳо зиндагӣ мекарданд ва дар тарафи чапи он як қатор шаҳрҳои калону хурд воқеъ гардида буданд. Искандар ба лаби дарёи Сир омада қарор гирифт ва аз юнониёну мақдуниҳо дар ин шаҳрҳо гарнизон гузошт. Лекин дере нагузашта ба муқобили юнониён шӯриши халқи маҳаллӣ сар шуд ва ба зудӣ тамоми ҳафт шаҳри соҳили чапи Сирдарёро фаро гирифт. Дар дигар соҳили дарё сакоиҳо қувваҳои худро ҷамъ намуда, расидани фурсати мусоидро интизорӣ мекашиданд, ки аз дарё гузашта ба шӯришкунандагон ёрӣ расонанд. Дар худи ҳамин вақт дар Суғд ва Бохтар низ ошӯбҳои калоне ба амал меоянд. Искандар ба як вазъияти душвор дучор мешавад. Вай, пеш аз ҳама, қарор медиҳад, ки мавқеи худро дар соҳили дарёи Сир мустаҳкам намояд. Ба ин мақсад, ӯ дар муддати ду рӯз панҷ шаҳрчаи наздисоҳилиро ишғол намуда, бо аҳолии он ҷойҳо ваҳшиёна рафтор мекунад. Юнониён бо амри Искандар

---

[11] Henning W. B., 1958, s. 54.
[12] ИТН, I, саҳ, 253-255.

тамоми мардҳоро ба қатл расонида, зану бачаҳоро ба ғуломӣ мефурӯшанд (Арриан, IV, 2, 4).

Аҳолии Киропол, ки маркази шӯриш ба шумор мерафт, ба муҳосираи юнониён сахт муқобилат нишон медиҳад. Худи Искандар маҷбур мешавад шахсан дар гирифтани шаҳр иштирок намояд. Ӯ як даста аскарро гирифта, бо маҷрои хушкшудаи рӯде, ки аз байни шаҳр мегузашт, ба даруни шаҳр медарояд ва дарвозаи онро барои дохил шудани қӯшуни худ боз мекунад. Дар кӯчаҳои шаҳр ҷангҳои хунин давом намуда, дар натиҷа 8 ҳазор нафар аз аҳолии маҳаллӣ кушта мешавад. Талафоти юнониён низ кам набуд. Дар ин муҳориба худи Искандар ва баъзе сарлашкарони бузурги ӯ захмдор мешаванд.

Пас аз муҳорибаи шадид ва ҳуҷуми қатъӣ охирин такягоҳи шӯришиён забт карда мешавад. Бо ин тариқа, шӯрише, ки ба муқобили истилокорони юнонӣ дар соҳилҳои дарёи Сир ба амал омада буд, хобонида шуд. Арриан мегӯяд, ки аз аҳолии ба шӯриш иштирокдоштаи ин ҳафт шаҳр як нафар ҳам боқӣ намонд – ҳамаи онҳо кушта ва ё ба ғуломӣ фурӯхта шуданд.

## Шӯриши солҳои 329–327 пеш аз милод

Ба муборизаи баҳри истиқлолияти Суғд ва Бохтар сипаҳсолори маҳаллӣ Спитаман, ки яке аз симоҳои хеле барҷаста дар таърихи аҷдоди қадими халқи тоҷик буд, сарварӣ мекард. Дар соли 329 Спитаман бо қувваи зиёди аскар, ки ба он аҳолии осоишта низ ҳамроҳ шуда буданд, шаҳри Марокандро ишғол намуд. Бештарин қисми гарнизон кушта шуда, боқимондаи аскарони юнонӣ дар интизори расидани қувваҳои имдодӣ ба арки қалъа паноҳ бурданд.

Искандар пас аз пахш кардани шӯриш дар Сирдарё барои кумаки муҳосирони қалъаи Мароканд 3 ҳазор нафар пиёданизом ва 800 нафар аскари савора фиристода, худ дар канори дарёи Сир (аз эҳтимол дур нест, ки дар байни Ленинобод ва Бекободи ҳозира ё худ дар ҳудуди шаҳри Ленинобод бошад) ба сохтмони қалъа – шаҳри Искандарияи Ақсо (Искандарияи Дур) машғул гардид[13]. Ба қавли Квинт Куртсий (VIII, 6, 25–27), «Искандар ба канори дарёи Танаис» (яъне Сирдарё – Б. Ғ.) баргашта, тамоми паҳноиро девор кашид ва қароргоҳи аскар сохт. Девор 60 стадий (10–11 км.– Б. Ғ.) дарозӣ дошт. Фармуд, ки ин шаҳрро Искандария номанд. Бинокории шаҳр чунон ба зудӣ анҷом ёфт, ки рӯзи ҳафтдаҳуми сохтани истеҳком иморатҳои шаҳр ҳам буд шуданд... Ба ин шаҳри нав асиронро ҷой доданд». Ба гуфти Арриан (IV, 4, 1), дар муддати 20 рӯз атрофи шаҳр аз нав девор кашида шуд, Искандар «дар он ҷо сарбозони кирояи юнонӣ, ҳамсоягони барбарии истиқомат ихтиёркарда ва ҳамаи аскарони ба хизмати ҳарбӣ ношоями мақдуниро сокин намуд». Юстин (XII, 5, 12) низ тасдиқ мекунад, ки сохтмон

[13] Мулоҳизаҳои оид ба ҷойи воқеъ шудани ин шаҳр, ки бар таҳқиқи сарчашмаҳо ва шиносоии ҳамаҷонибаи топографияи маҳал асос ёфтаанд, дар асари муаллифи ин сатрҳо «Таърихи халқи тоҷик» (нашри III, М., 1955) баён гардида буданд. Ақидае пеш ронда мешуд, ки Искандарияи Ақсо дар ҷойи қалъаи Хуҷанд, дар маркази шаҳри Ленинобод воқеъ буд (Неъматов Н.Н., 1955, с.33–34). Бояд ба назар гирифт, ки ҳангоми ҳафриёти қалъа ҳоло фақат мадракҳои камаш 250–300 сол «ҷавонтар» аз аҳди Искандари Мақдунӣ дарёфт гардида буданд.

(аз афташ, сухан аз оғози корҳои асосии сохтмон меравад) 17 рӯз давом кард. Давродаври девори шаҳр 6000 «ҷуфт қадам», яъне қариб 9 км меомад[14]. Ба шаҳри навбунёд, аз рӯйи қавли Юстин, сокинони дигар шаҳрҳоро кӯчонданд ва ҳамчунин аскарони аз боварӣ баромадаи Искандарро гузоштанд. Ин шаҳр мебоист нуқтаи муттакои истеҳкоми ҳудуди шимоли шарқии давлат мегардид. Корҳои Искандар, хусусан сохтмони қалъашаҳр боиси хавотири сакоиҳои он сӯйи Сирдарё гардид. «Подшоҳи скифҳо (яъне сакоиҳо.– Б.Ғ.), ки давлати ӯ сарзамини он тарафи Танаисро фаро гирифта буд, шаҳри дар соҳили дарё бунёдкардаи мақдуниҳоро юғе бар гардани худ ҳисоб менамуд»,– менависад Квинт Куртсий (III, 7, 1). Сакоиҳои бодиянишин аз он сӯйи Сирдарё бо камонҳои худ юнониёнро тирборон мекарданд. Искандар ба туфайли тирпаронӣ кардан аз манҷаниқҳо (асбобҳои ҷангии сангандоз) онҳоро қадре ақиб ронд ва пас фавран бо амадҳо аз дарё гузашта, ба ҳуҷум сар кард ва скифҳоро маҷбур намуд, ки ба тарафи дашт ақибнишинӣ кунанд. Лекин кӯшиши тамоман торумор кардани скифҳо қариб ба ҳалокати аскарони юнонӣ анҷом ёфт. Ҳарорати баланди ҳаво, набудани об, бероҳии биёбон ва дар чунин шароит ҳамлаҳои пайдарпайи сакоиҳои ҷанговар бо сардории бародари подшоҳашон (Квинт Куртсий, VII, 7, 1) истилокоронро ба вазъияти тоқатфарсое дучор намуд. Аскарони юнонӣ гӯё ба сабаби бемории Искандар маҷбур шуданд аз таъқиб кардани сакоиҳо даст кашанд (Арриан, IV, 4, 8,9).

Вақте ки қӯшуни юнону мақдунӣ дар такопӯи ишғол кардани Уструшан ва Фарғонаи ғарбӣ буд, оташи шӯру исён тамоми мамлакати Суғд ва як қисми Бохтарро фаро гирифт. Искандари Мақдунӣ миқёси шӯришро дарк накарда, ба кумаки гарнизони муҳосирашудаи Мароканд қӯшуни начандон калон (тақрибан 2500 нафар) фиристод. Вақте ки дастаи аскарони пештар фиристодаи Искандар ба Мароканд наздик расид, Спитаман шаҳрро аз муҳосира озод намуда, зиракона ақиб нишаст. Аскарони юнонӣ ин аҳволро дида, суғдиёнро таъқиб карданд. Спитаман фурсати мусоид пайдо намуда, якбора пас гашт ва ба сари юнониён тохт. Арриан (IV, 5, 8) мегӯяд, ки юнониён «рӯ ба гурез ниҳода, ба як ҷазирачаи байни дарё (дарёи Зарафшон дар назар дошта мешавад.– Б.Ғ.) паноҳ бурданд. Лекин дар ин ҷо скифҳо ва аскарони савораи Спитаман онҳоро ба муҳосира гирифта, парронда маҳв карданд»[15].

Чунонки муаррихи маъруфи Германияи ғарбӣ Ф.Алтхайм ба таври ҳаққонӣ менависад: «Спитаман ба коре муваффақ шуд, ки касе аз уҳдаи он баромада натавониста буд: ӯ дар муҳориба як қисми қӯшуни мақдуниро маҳв намуд»[16].

Спитаман, ки аз тарафи аҳолии маҳаллӣ ҳимоят медид, дубора гарнизони мақдуниро дар Мароканд муҳосира намуд. Вақте ки Искандар бо қувваҳои асосии худ ба Мароканд омад, Спитаман ҷанг накарда, аскарони худро боз ба тарафи саҳро ақиб кашид. Азбаски Искандар дар муҳорибаи бо скифҳои

---

[14] Гуфтаҳои Квинт Куртсий ва Юстин дар бораи масоҳати Искандарияи Ақсо фақат дар сурати таври дигар шарҳ додани истилоҳи Юстин доир ба ифодаи андозаи дарозӣ мувофиқат кард. Вай ба ҷойи «қадам», ки пеш тафсир кардаанд, «ҷуфт қадам» гуфта будааст, дар ин сурат доираи шаҳр ба 9 км баробар мешавад.

[15] Ба қавли Ф. Швартс, задухӯрд дар соҳили рости дарёи Зарафшон, дар ноҳияи Зиёуддин ба амал омадааст (Schwarz F., 1906, s. 62–63), ба фикри Б.А.Литвинский дар қисми ғарбӣ (ИТН, I, с.530).

[16] Altheim F., 1953, s. 68.

бодиянишин кардаи худ дарси ибрат гирифта буд, дигар Спитаманро дар саҳро таъқиб накарда, бо ҷазои сахт додани аҳолии осоиштаи водии Зарафшон қаноат намуд. «Ӯ фармон дод, ки қишлоқҳоро сӯзанд ва ҳамаи калонсолонро кушанд» (Квинт Куртсий, VII, 9, 22). 30 нафар суғдиёни маҳкуми марг чунон хунсардие нишон доданд, ки мақдуниҳо ангушти ҳайрат газиданд: онҳо сурудхонон ба сӯйи қатлгоҳ мерафтанд (Квинт Куртсий, VII, 10, 4).

Талафоти лашкари юнонӣ ниҳоятдараҷа зиёд буд. Аз ин рӯ, Искандар бо саросемагӣ ба ҷангҳои баҳори соли 328 тадорукот медид. Ӯ зимистонро дар Бохтар гузаронида, бо пешвоёни сакоиҳо ва хоразмиҳо гуфтушунид намуд ва барои бо қувваҳои тоза пурра кардани лашкари худ машғул шуд. Дар ин вақт халқи қаҳрамони Суғд ҳам, бо вуҷуди додани талафоти зиёд, мутеъ шуданро ба хотир наоварда, дар таҳти роҳбарии Спитаман барои муҳорибаҳои навбатӣ омода мегардид. Спитаман як рӯз ҳам ба душман осоиш намедод. Ӯ бо дастаҳои савораи «парвозкунанда»-и суғдиён ба сари истилогарон ҳуҷум оварда, ба онҳо зарбаҳои ҳалокатовар мезад. Чи навъе ки Арриан хабар медиҳад, «аксарияти суғдиҳо ба ҷоҳои мустаҳкам гурехта, ба волии таъйинкардаи ӯ (Искандар.– Б.Ғ.) итоат намуданро намехостанд» (IV, 15, 7). Дар ҳақиқат, мамлакати тамоман толон ва харобгаштаи суғдиён боз аз сари нав ба муқобили таҷовузкорони аҷнабӣ қиём намуд. Искандар ба мақсади фурӯ нишондани шӯриш лашкари 20 ҳазорнафараи худро ба панҷ даста тақсим намуда, аз як гӯша ба гӯшаи дигари Суғд ҳаракат кард ва ҳар як одами рӯ ба рӯ шударо аз дами теғ гузаронид. Чунонки муаррихи Юнони Қадим Диодори Ситсилӣ (XII) хабар медиҳад, «Искандар суғдиёни шӯришгарро таъқиб карда, аз онҳо беш аз 120 ҳазор нафарро ҳалок менамояд». Дар натиҷаи ин ҷазодиҳии мудҳиш ва хунхорӣ мамлакат ба дараҷае холӣ гардид, ки Искандар ба яке аз саркардаҳои ҳарбии худ супориш дод, то «ба ҷойи Суғд дубора шаҳре таъсис намоянд» (Арриан, IV, 16, 3). Зоҳиран, дар ин маврид ба ҷойи шаҳрҳои вайрон ва холишудаи суғдиҳо ба вуҷуд овардани шаҳрчаҳои ҳарбии юнонӣ, ки барои маъмурият ва лашкари юнону мақдунӣ ҳамчун такягоҳ хизмат мекарданд, дар назар дошта мешуд[17].

Дар чунин вақте ки истилокорони юнонӣ Суғдро ба хун оғушта мекарданд ва сарлашкари дар Бохтар гузоштаи Искандар барои дар итоат нигоҳ доштани мамлакат ва танбеҳ додани шӯришиён ҳар гуна чораҳо медид, Спитаман бо 600 нафар аскари савораи худ ба ақибгоҳи Искандар, яъне ба Бохтар гузашта, бо тамоми ғайрат ва шуҷоат мубориза ро бар зидди аскарони юнонӣ давом дод. Дар тирамоҳи соли 328 ӯ бо 3 ҳазор аскари савора боз ба пойтахти Суғд раҳсипор гардид. Спитаман пас аз ҷанги сахте, ки аз ду тараф бисёр одамон кушта шуданд, ба тарафи саҳро ақиб нишаст, вале дар он ҷо сардорони баъзе қабилаҳои бодиянишин хоинона ба ӯ ҳуҷум намуда, сарашро аз тан ҷудо карданд ва чи навъе ки Арриан мегӯяд, «онро ба Искандар фиристоданд, то ки ба ин васила хавфу хатари ба сари худашон таҳдидкунандаро бартараф намоянд» (IV,17,7).

Ҳалокати Спитаман ҳеҷ гоҳ тамоман зафар ёфтани истилогарони аҷнабӣ ва комилан сари таслим фуруд овардани суғдиёнро ифода намекард. Вазъияти мамлакати Суғд мисли пештара барои таҷовузкорони юнонӣ хатарнок буд. Искандаре, ки қувваи давлати ҷаҳонии Ҳахоманиширо ба осонӣ дарҳам

[17] Ҳоло ин нуқтаи назар тавассути тадқиқи муфассали филологии И.В.Пянков (Пянков И.В., 1970, с.47-48) тасдиқ гардид.

шикаста тавонист, ҳоло маҷбур гардид, ки зимистони соли 328/27-ро дар кишвари итоатнопазири Суғд гузаронад.

Лекин Искандар аз тирамоҳи соли 328 пеш аз милод бо нияти дар дохили мамлакат пайдо кардани қувваҳои пуштибони мубориза бар зидди аҳолии шӯришгари Суғд сиёсати худро нисбат ба аъёну ашрофи маҳаллӣ ва коҳинони зардуштӣ ба куллӣ тағйир дод. Масалан, баҳори соли 327 пеш аз милод, ҳангоми ба даст даровардани якчанд истеҳкоми кӯҳистонии суғдиҳо, ки барои муҳофизаи «онҳо аз аъёну ашрофи суғдӣ – Уксорт, Сисимитр ва Ҳуриён» роҳбарӣ мекарданд, Искандар ононро на фақат бубахшид, балки тамоми молу мулкашонро ба ихтиёри худи онҳо гузошт. Ӯ на танҳо ба он намояндагони аъёну ашрофи маҳаллӣ, ки ба вай кумак мерасониданд, инчунин, ҳатто ба ононе, ки дар муборизаи юнониён ва суғдиҳо бетараф меистоданд, ба тариқи ҷоиза пул медод ва молу мулки шӯришиёнро байни онҳо тақсим мекард.

То чӣ андоза тағйир ёфтани равияи Искандар нисбат ба аъён ва ашрофи маҳаллӣ аз гуфтаҳои сарзанишомези Каллисфен ном таърихнигори дарбори ӯ, ки Арриан ба тариқи зайл нақл кардааст, аён мегардад: «Искандарро, агарчанде мегӯянд, ки дар кишвари барбарӣ аз худ кардани ахлоқи барбарӣ лозим аст, бо вуҷуди ин, ман аз ту хоҳиш мекунам, Элладаро ба хотир ор, ки аз барои вай ту ба ин сафари ҷангӣ иқдом намудӣ, то Осиёро мутеи Юнон кунӣ».

Искандар бо табақаи фавқонии Суғд алоқаи хешутаборӣ ҳам пайдо мекунад. Вай духтари Уксорт Руксона (Рухшонак)-ро, ки асир афтода буд, ба занӣ гирифта, ақрабои ӯро ба тарафи худ ҷалб менамояд. Дар натиҷаи ин гуна сиёсати Искандар аъёну ашрофи Суғд боварӣ ҳосил мекунанд, ки ӯ на ба муқобили онҳо, балки фақат бо халқ мубориза мебарад. Аз ин сабаб, онҳо бо вай ҳамдастӣ намуда, манфиати мамлакати худро ба душман мефурӯшанд. Чунончи, Сисимитр қӯшуни сершумореро ба ихтиёри Искандар дода, дар мутеъ намудани қабилаҳои сакоӣ ба ӯ мадад мекунад.

Рафтори Уксорт ҳам яке аз мисолҳои равшанест, ки нисбат ба манфиати халқи худ хиёнат кардани гурӯҳҳои ашрофияи маҳаллиро нишон медиҳад. Ӯ пас аз он ки бо Искандар алоқаи хешӣ пайдо кард, дар роҳи ба асорат гирифтор намудани кишвари худ бо тамоми қувват ба истилокорон кумак расонид. Баҳори соли 325 пеш аз милод, вақте ки аскарони дар Бохтар таваққуфкардаи юнонӣ бар зидди Искандар исён намуданд, Уксорт, ба ҷойи аз ин фурсат истифода бурда ба муқобили истилогарон сар бардоштан, Искандарро аз ин воқеа хабардор кард. Искандар, ки он вақт дар Ҳиндустон буд, баробари воқиф шудан аз ҳодиса фавран чорае ҷуста, исёнро фурӯ нишонд ва Уксортро волии музофоти Паропамис (воҳаи Кобул) таъйин намуд. Ҳангоме ки дар ин музофот ҳам бар зидди таҷовузкорони аҷнабӣ шӯриш сар зад, Уксорт бо ташаббуси худ онро хобонид ва шӯришгаронро ваҳшиёна ҷазо дод.

Ҳамин навъ, ба сабаби қувваи марказиятноки ҳарбӣ доштани истилокорон ва инчунин дар натиҷаи хиёнати аъёну ашрофи маҳаллӣ шӯриши қаҳрамононаи халқи Суғд пахш карда шуд. Ҳамаи заминҳои шохаи рости дарёи Амуро мақдуниҳо ишғол намуданд. Мувофиқи афсонае, Искандар гӯё то саргаҳи дарёи Зарафшон омада будааст, ки дар он ҷо вуҷуд доштани кӯле бо номи Искандар (Искандаркӯл) низ ба ин гувоҳӣ медиҳад.

Дар даврае, ки Осиёи Миёна мавриди истилои Искандар қарор гирифта буд, фақат Хоразм тавонист истиқлолияти худро нигоҳ дорад. Арриан «нақл мекунад: вақте ки Искандар зимистони соли 329/28-ро дар Бохтар мегузаронид, шоҳи Хоразм Фарозмон бо 1500 савора ба зиёрати ӯ омада, бар зидди колхҳо ва амазонҳо муттафиқона амал карданро пешниҳод намуд» (IV,15,1-6).

Аҷдоди тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар зарфи се сол истиқлолияти кишвари худро муҳофизат намуда, бо истилогароне, ки империяи бузург ба вуҷуд оварда буданд, мубориза карданд. Агарчанде онҳо дар ин мубориза мағлуб шуданд, вале ба ҳар ҳол бо муқовимати диловаронаи худ ба Искандар чунон зарбае ворид оварданд, ки иқтидори ҷангии лашкари ӯ сахт заиф гардид.

Шикасти давлати Ҳахоманишӣ ва ба истилогарони юнону мақдунӣ тобеъ шудани Бохтар, Суғд ва соири кишварҳои Осиёи Миёна аҳволи вазнини оммаи заҳматкаши ин мамлакатҳоро қадре ҳам беҳтар накард. Табақаи ашрофияи маҳаллӣ, ки дар шахсияти истилокорон такягоҳи мустаҳками худро пайдо карда буданд, чи барои афзудани сарвати худ ва чи ба манфиати истилогарони аҷнабӣ аҳли меҳнатро боз ҳам сахттар истисмор мекарданд. Ин аст, ки дар тамоми давраи ҳукмронии истилокорони мақдунӣ халқҳои Осиёи Миёна бо нияти аз дӯш барандохтани бори гарони зулму тааддии аҷнабиён дам ба дам сар мебардоштанд.

## Инқирози империяи Искандари Мақдунӣ ва оқибати футуҳоти мақдуниҳо

Искандар Бобулро пойтахти давлати нави худ қарор дод ва асосан ҳамон усули мамлакатдории давраи Ҳахоманишиҳоро нигаҳ дошта, бо тамоми ҳастиаш барои ба даст овардани ягонагии давлат саъй намуд. Аз соли 324 пеш аз милод сар карда бохтариҳо, суғдиҳо ва дигар намояндагони халқҳои Осиёи Миёнаро низ бидуни тафриқагузорӣ бо юнониён ба сафи аскарӣ мегирифтагӣ шуданд. 30 ҳазор нафар ҷавононро аз фарзандони ашрофи маҳаллӣ ба тарзи мақдунӣ мусаллаҳ намуда, ба дастаҳои аскарони савора тақсим карданд.

Аз рӯйи маълумоти муаллифони қадим, Искандар бо мақсади ба вуҷуд овардани нуқтаҳои муттакои истилои юнону мақдунӣ дар Суғд ва Бохтар 8-12 шаҳр бино карда, ба ҳар яке Искандария ном дод. Чунончи: Искандарияи Ақсо, Искандарияи Ориёӣ (Ҳирот), Искандарияи лаби Аму (тахминан дар «ноҳияи Тирмиз ё Кӯлоб), Искандарияи Бохтар, Искандарияи Мароға (Байрамалии ҳозира). Дар ин шаҳрҳо то 20 ҳазор аскарони пиёданизом ва 3 ҳазор савора қарор гирифта буданд.

Вале ҳамаи ин тадбироти Искандари Мақдунӣ империяи ӯро, ки аз ихтилоти тасодуфии қабила ва халқҳои гуногун фароҳам омада буд, ба як давлати воҳид табдил дода натавонист. Ноустувории ин империя ҳамон лаҳза пас аз фавти Искандар (с.323 пеш аз милод) ошкор гардид.

Бо расидани хабари вафоти Искандар шӯриши аҳолии мазлуми Осиё ба амал омад. Муаррихони қадим хабар медиҳанд, ки «барбариҳо» фавран пас аз марги фотеҳ шаҳри Искандарияи Марвониро, ки дар лаби наҳри Мурғоб сохта шуда буд, хароб карданд.

Ҳокимият пас аз вафоти Искандар ба ихтиёри ҷонишинон – сарлашкарони ӯ бимонд, ки онҳоро «диадоххо» (ворисон) ва «эпигонҳо» (вориси ворисон) меномиданд. Сарлашкарон барои соҳиб шудан ба империя бо якдигар муборизаҳои шадиде бурданд, вале ба ҳеҷ кадоме аз онҳо тамоман ба даст даровардани ҳокимияти олӣ муяссар нагардид. Пас аз муҳорибаи хунини ду гурӯҳи асосии диадоххо дар наздикии Ипс (с.301 пеш аз милод) дар Фригияи Кабир, ки яке аз сахттарин ҷангҳои дунёи қадим ҳисоб меёфт, империяи Искандар ба се давлати мустақил: Мақдунӣ, Миср ва Сурия (Селевкиҳо) ҷудо шуд. Ин давлатҳо дар таърих давлатҳои эллинӣ ном гирифтаанд.

Муаррихони буржуазӣ сафарҳои ҷангии Искандари Мақдуниро ҳамчун ҳодисаи прогрессивӣ ба қалам дода, вале аз он амри воқеӣ, ки мақсади асосии лашкаркашиҳои Искандар маҳз ба таҳти тасарруфи Юнон даровардани кишварҳои Шарқ, васеъ кардани доираи тиҷорат, истисмор намудани халқҳои Машриқзамин ва ба ғорат бурдани сарватҳои онҳо буд ва ҳамаи инҳо бо қатлиоми аҳолии маҳаллӣ анҷом мепазируфт, чашм пӯшидаанд.

Таҳқиқи таърихи кишварҳои ба истилои қӯшунҳои юнонию мақдунӣ дучоршуда нишон медиҳад, ки юнониён ва мақдуниён баробари қадам гузоштан ба сарзамини забткардаашон усули бо аҳолии мутеъ муносибат кардан, чунончи: ба кор бурдани зӯрӣ, маҷбуриятҳои номаҳдуди аҳолӣ, ба нафъи худ истифода кардани одамони асирафтода бо роҳи фурӯхтан ва ба маҳалҳои дигар фиристодани онҳо ва амсоли инро, ки дар ҷараёни инкишофи ҷамъияти ғуломдории Юнон ба зуҳур омада буд, низ бо худ меоварданд[18].

Аксари муаррихони буржуазӣ таъсири маданияти Юнонро ба маданияти Шарқ (ки дар ҳақиқат ҳам хеле бузург буд) хотирнишон намуда, вале аз хусуси комёбиҳои мадании халқҳои Шарқ, ҳатто лаб во накардаанд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки маданияти ҳазорсолаи Шарқ ба маданияти Юнон ва дигар мамлакатҳои Ғарб таъсири бузург ва ҳамаҷониба расонидааст.

Дар маданияти ба истилоҳ эллинӣ на ин ки эҷодиёти мадании «соф» юнонӣ, балки омезиши махсуси маданияти юнонӣ ва шарқӣ инъикоси худро пайдо намудааст ва дар бобати инкишофи ин маданият роли бузургеро халқҳои Осиёи Миёна бозӣ кардаанд. Ҳафриёти археологӣ далелу мадракҳои тоза ба тозаеро меоранд, ки саҳми халқҳои шарқ, аз ҷумла мардумони Осиёи Миёнаро дар тараққиёти маданияти моддии ҷаҳони эллинӣ собит менамоянд. Баъзе принсипҳои асосии шаҳрсозӣ бо фикру тасаввуроте, ки дар шарқ хеле барвақттар аз давраи эллинӣ равнақ дошт, алоқаманд мебошад.

Расму одатҳои мазҳабии мардумони Осиёи Миёна ва Эрон ба ақидаҳои динии юнониён ва римиҳо таъсири калоне бахшида, сипас ба тараққиёти дини насронӣ ҳам асароти худро гузоштааст.

«Дар ин соҳа,– менависад В. Тарн,– Шарқ фотеҳи худро асир намуд; ин ҳаракат мумкин аст то аҳди масеҳӣ ба авҷи худ нарасида бошад, вале дар зарфи тамоми давраи эллинӣ торафт боло мерафт»[19]. Таъсири Шарқи қадим дар адабиёт, санъат, фалсафа ва дигар риштаҳои илму фанни юнонӣ низ инъикоси худро пайдо намудааст.

---

[18] Зелин К.К., Трофимов М.К., 1969, с. 66.
[19] Тарн В., 1969, с. 309.

# БОБИ СЕВУМ

# ЮНОНУ БОХТАР ВА ПОРТ ДАР АСРҲОИ III–II ПЕШ АЗ МИЛОД

## 1. ОСИЁИ МИЁНА ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ СЕЛЕВКИЁН

Яке аз сарлашкарони Искандари Мақдунӣ – Селевк соли 312 пеш аз милод дар Бобулистон ба сифати сатрап мавқеъ ёфт. Минбаъд дар муддати нуҳ сол вай тадриҷан ҳукми худро ба Ғарбу Шарқ, аз ҷумла, ба Эрон ва Осиёи Миёна вусъат дод. Ҷойҳое буд, ки вай бо роҳи дипломатӣ пеш мерафт, вале дар Осиёи Миёна ба муқобилати шадид дучор омад ва роҳи ҷангро пеш гирифт. Ба қавли Помпей Трог (Юстин, XV, 4, 11), Селевки I «бар Бобулистон зафар ёфта, қувваи худро афзуд ва Бохтарро тасхир намуд». Порт ва Суғдро ҳам зери даст кард (Аппиан, «Сурия», 55). Вале кӯшиши Ҳиндустони шимолиро ғасб кардани Селевки I барор нагирифт.

Муҳаққиқи эллинизм, муаррихи номии советӣ А.Б.Ранович навиштааст, ки «таърихи Селевкиён барои муаррихон мушкилоти фавқулода дорад, зеро вазъияти маъхазҳои адабӣ ниҳоят бад аст»[1]. Ин нукта ба Осиёи Миёна низ пурра дахл дорад, зеро давраи дар ҳайати Селевкиён будани он, яъне охири асри III ва миёнаи асри II пеш аз милод тақрибан номаълум аст.

Азбаски давлати Селевки I ниҳоят васеъ буд ва ноҳияҳои Шарқ диққати доимиро тақозо дошт, вай соли 293 пеш аз милод писараш Антиохро дар шарқ волӣ таъйин кард. Ҷолиби диққат аст, ки Антиох писари духтари Спитаман Апама буд, аз ин рӯ, Осиёи Миёна барои Антиох кишвари аҷдоди ӯ ҳисоб мешуд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳои бевосита, дар Осиёи Миёна дар ибтидои асри III пеш аз милод зидди ҳукмронии Селевкиён исёнҳо шуда, дар айни ҳол ба мулкҳои осиёимиёнагии Селевкиён қабилаҳои кӯчманчӣ ҳамла карданд. Дар айни ин ошӯбҳо бисёр пойгоҳҳои давлати Селевкиён хароб гардиданд, масалан, Искандарияи Мароға ва Искандарияи Ақсо, ки ҳанӯз Искандари Мақдунӣ сохта буд, ба хок яксон шуданд. Минбаъд Селёвкиён ин шаҳрҳоро барқарор намуданд ва дар атрофи воҳаи Мароға деворе сохтанд, ки 250 км тӯл дошт. Сарлашкари Селевкиён Демодам зидди кӯчманчиён, ки дар он тарафи дарёи Сир макон доштанд, лашкар кашид (Плиний, IV, 18, 49). Ба туфайли як қатор тадбирҳои ҳарбию сиёсӣ ва дипломатӣ ба Антиох муяссар шуд, ки неҳзати зиддиселевкиёнро фурӯ нишонад.[2]

---

[1] Ранович А.Б, с. 113.
[2] ИТН, I, с. 283.



**Тангаи Антиохи I**

Барои дарки сиёсати Селевк дар шарқ ва мавқеи волии ӯ Антиох материали нумизматӣ[3], ки Б.А.Литвинский ва В.М.Массон[4] аз ин дидгоҳ таҳлил кардаанд, маълумоти ҷолиби диққат медиҳад. Антиох дар замони шарикҳоким будани худ ба вазни сиккаи «ҳиндӣ» сиккае зад ва зимнан дар ин тангаҳо ҳам номи Селевки I ва ҳам номи писараш Антиох сабт шудаанд. Эҳтимол, ин кӯшише буд барои пойдор намудани соҳибихтиёрии Антиох. Ба ҳар ҳол, баъди вафоти падараш Антиох соли 280 пеш аз милод ҳокими тамоми давлати Селевкиён гардиду дигар ин гуна танга набаровард.

Дар аҳди қариб бистсолаи (солҳои 280–261 то милод) Антиохи I дар ғарби мулки вай ҷангҳои бисёре мешуданд ва ӯ ба шарқи давлати худ, алалхусус, ба Осиёи Миёна кам аҳамият медод. Дар ин вақт ноҳияҳои Осиёи Миёна беш аз пеш қувват гирифта, дар ин ҷо зисту зиндагӣ ба тартиб меомад, хоҷагии қишлоқ, ҳунармандӣ ва тиҷорат равнақ меёфт.

Осиёи Миёна аз марказҳои асосии мулки Селевкиён хеле дур бошад ҳам, дар айни ҳол қисми муҳимми давлат ҳисоб мешуд. Селевкиён қад-қади роҳи тиҷоратие, ки аз Селевкияи соҳили Даҷла ба Бохтар мебурд, деҳу шаҳрҳои нав бунёд мекарданд ва таъбири ин факт фақат ҳамин аст, ки Селевкиён ба Осиёи Миёна ҳам аз ҷиҳати ҳарбию стратегӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасманд буданд[5].

Таркиби синфи ҳукмрон якранг набуд. Дар қатори юнониёни ҳоким аъёну ашрофи маҳаллӣ низ ба назар мерасиданд. Бешак, ҳокимияти Селевкиён дар Осиёи Миёна ба қувваи ҳарбӣ – ба аскароне, ки дар қароргоҳҳои ҳарбии юнониён– катойкияҳо меистоданд, такя дошт. Вале дар истисмори аҳолӣ истисморгарони «худӣ», намояндагони синфи ҳукмрони Осиёи Миёна ҳам

---

[3] Newell F.T., 1938.
[4] ИТН, I, с. 283–286, Массон В.М., Ромодин В.А., 1964, с. 99–101.
[5] Frye R.N., 1963, p. 140. Беҳтарин маҷмӯаи материалҳои маъхазҳои хаттӣ оид ба бунёди шаҳрҳо дар шарқ. аз тарафи Искандари Мақдунӣ ва Селевкиён ин аст: Tscherikower V., 1927. Аммо селевкиён шаҳрҳои навро дар Осиёи Миёна не, балки асосан дар ғарб месохтанд (Altheim F., 1947–1948, с. 205).

ширкат кардаанд. Муносибати синфи ҳукмрон ба давлати Селевкиён низ якхела набуд; кашонда бурдани сарвати Осиёи Миёна ба хориҷа боиси норозигии он тоифаи синфи ҳукмрон мегардид, ки барои худ луқмаи калонтареро «канда» гирифтанӣ буданд. Аҳолии маҳаллӣ, ки дучори истисмори дутарафа буд, низ аз ҷон безор мешуд.

Дар айни ҳол, чунин мулоҳизаро дуруст ҳисоб кардан лозим, ки «замони дар ҳайати давлати Селевкиён будани Осиёи Миёна замони барқароркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи аз таҷовузи юнониёну мақдуниён харобгардидаи мамлакат, замони дар мубориза зидди Селевкиён ба вуҷуд омадани иттиҳоди бохтариён, суғдиён, портҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна аст»[6].

Дар дохили давлати Селевкиён ҳам байни даъвогарони тахт доимо задухӯрд мешуд. Баъзе ворисон мекӯшиданд, ки ҷудо шаванд ва соҳибихтиёр бошанд. Дар натиҷа вазъият (алалхусус, дар ноҳияҳои канорӣ) ниҳоят ноустувор ва хавфнок мешуд.

## 2. ДАВЛАТҲОИ ЮНОНУ БОХТАР ВА ПОРТ

### Пайдоиш ва таърихи давраҳои аввали Порт ва Юнону Бохтар

Дар айни муборизаи байни ду бародарон (Селевки II ва Антиохи Гиеракс) барои соҳиб шудан ба тахт аз давлати Селевкиён портҳо ҷудо шуданд, ки ба онҳо Андрагор ном юнониe сардорӣ мекард. Мувофиқи ривояти воқеанигори антиқа, ки рӯйдодҳои онвақтаи Осиёи Миёнаро муфассал баён кардааст, воқеа чунин ҷараён дошт: «Сипас, Диодот низ ҷудо шуд (аз селевкиён –Б.F.), ки ҳокими ҳазор шаҳрҳои Бохтар буд ва фармуд ӯро подшоҳ хонанд; ба ибрати ӯ аз мақдуниён тамоми мардуми Шарқ ҷудо шуданд. Дар он давра Арсак ном одаме буд безот, вале бошуҷоат, ки одатан роҳзанӣ ва дуздӣ мекард. Шунид, ки Селевк (Селевки II.–Б.F.) дар Осиё шикаст хӯрдааст, дигар аз подшоҳ боке накарда, ба портҳо бо дастаи роҳзанон дарафтод, бар ҳокими онҳо Андрагор ғолиб омад, ӯро ба қатл расонд ва ҳокимиятро бар халқ (портҳо) ба даст гирифт» (Юстин, XII, I, 4-7).

Ҳатто дар ҳамин як порчаи хурди таърихи ибтидои Юнону Бохтар ва Порт хеле норавшаниҳо, алалхусус, норавшаниҳои хронологӣ ҷой дорад. Юнону Бохтар кай ҷудо шудааст? Аввалин муҳаққиқи ин масъала академики Россия Ф.Байер (соли 1738) ва пас аз ӯ бисёр дигар олимон матнҳои лозимаро муфассал таҳлил намуда, мудом таъкид мекунанд, ки дар ин матнҳо, аз ҷумла дар матни Юстин мухолифатҳои хронологӣ ҳаст[7]. Эҳтимоли комил аст, ки воқеаҳои Диодот андаке пештар, тақрибан соли 256 пеш аз милод ба вуқӯъ омадаанд, ҳол он ки воқеаҳои Аршак қарибиҳои соли 256 пеш аз милод шудаанд.

---

[6] ИТН, I, с. 289.

[7] Таҳлили ақидаҳоро ниг.: Narain A.K., 1962, p. 167.



**Тангаи Диодот**

Масъалаи дигари муҳимтар – масъалаи хусусияти он воқеаҳо аз ин ҳам мураккабтар аст. Дар ин бобат дар илми таърих ду ақида ҳаст. Ба ақидаи олимони Англия Г.Макдоналд ва В.Тарн дар Бохтар Селевкиён тангае сикка мезадаанд, ки дар он монограммаи (сарҳарфи) номи Диодот сабт шудааст ва ин далолат мекунад, ки иқтидор ва истиқлоли ворисι мазкур ба тадриҷ меафзуд ва ниҳоят ҳақиқатан соҳибихтиёр гардид.[8] Вале ба ақидаи олими Ҳиндустон А.Нарайн, ин гуна монограммаҳо одатан номи худи сиккахона ва ё худ номи маъмури сиккахонаро ифода мекунад. Агар ба таъкиди истиқлоли ин ё он ворис ҳоҷат бошад, дар танга номи пурраи ӯ сабт мешуд.[9] Ғайр аз ин дигар ақидаҳо ҳам ҳастанд. Аниқаш ҳамин, ки алҳол маънои монограммаҳои тангаҳои юнонию бохтариро муайян кардан имкон надорад.[10] Дар айни ҳол, ҷолиби диққат аст, ки дар як қатор тангаҳои давраи Селевкиён ба ҷойи сурати подшоҳи Селевкиён сурати Диодот сабт шудааст. Рости гап, баъзе таърихчиён мегӯянд, ки ин на он Диодот аст, балки писари Диодот мебошад, вале ин даъво асоси ҷиддие надорад.

Хулласи гап, маълумоти тангаҳо ба ақидаи Макдоналду Тарн асос шуда наметавонад. Ғайр аз ин ақидаи мазкур чунин ривояти бевосита ва аниқи Юстинро ба инобат намегирад, ки Диодот аз давлати Селевкиён «ҷудо шудааст», яъне зидди давлати марказӣ шӯриш бардошта, давлати худашро таъсис додааст.

Ақидаи мо доир ба ин масъала, ки дар сарчашмаҳо ниҳоят ночиз акс ёфтааст, дар «Таърихи халқи тоҷик» (с.1955) зикр шудааст. Гуфтан мумкин аст, ки дар Бохтар ворисони Селевкиён соҳиби қувваи тавонои ҳарбии юнонӣ буданд. Диодот ин қувваи ҳарбӣ ва аъёну ашрофи юнонишудаи маҳаллии Бохтару Суғдро, ки низ аз Селевкиён ҷудо шудан мехостанд, истифода бурда ва ба онҳо такя карда, сарвари ҳаракате шуд, ки боиси аз Селевкиён ҷудо

[8] Tarn W.W., 1951, p. 72, 74.
[9] Narain A.K., 1962, p. 15.
[10] Curie1 R. et Fussman C., p. 68– 70.

шудани Бохтар гардид. Шакке нест, ки дар ин ҳаракат оммаи халқ низ ширкат дошт, ки зидди зулми дутарафа ва барои истиқлол мубориза мебурд[11].

Аниқ гуфтан мумкин нест, ки вусъати ин давлат чӣ қадар буд. Страбон (II, 9,2) ҳикояте дорад, ки ривояти мазкурро қувват медиҳад. Ба қавли Страбон, волиёни юнонӣ (яъне дастнигору ҳамсафони Диодот) «пеш аз ҳама, Бохтарро ва тамоми мамлакати наздиктаринро ба исён таҳрик карданд». Аз ин аниқтар маълумоте дар даст надорем. Мумкин аст, ки ин Суғд бошад (баъзе муҳаққиқон чунин мепиндоранд), мумкин Ориёно ё Мароға бошад (ки ин ҳам аз эҳтимол дур нест).

Таърихи давраи аввали давлати Юнону Бохтар ва таърихи мулки Порт ба ҳам печидаанд. Юстин рӯирост мегӯяд, ки Арсак аз шоҳи Бохтар Диодот «метарсид» (II, 1, 4,8). Страбон низ ривояте меоварад, ки Арсак бохтарие буд «барои халос шудан аз қудрати рӯзафзуни Диодот ва ворисони вай дар Порт исён кард».

Ба ҷойи Диодоти I, ки аз афти кор, дер ҳукм наронадааст, писараш Диодот ба сари ҳокимият омад. Сиккашиносон ҳеҷ муайян карда наметавонистанд, ки тангаҳои расми Диодот доштагӣ кадомаш ба Диодоти I тааллуқ дораду кадомаш ба Диодоти II.[12] Аз дигар тараф, чи гуна пайдо шудани мулки Порт ҳам равшан не. Дар маъхазҳои антиқа роҷеъ ба давраҳои аввали таърихи Порт се ақида ҳаст. Ба қавли Н.Дибвойс, ки муаллифи беҳтарин асари тадқиқотии таърихи сиёсии Порт мебошад, «ба худи юнониён(-и қадим.–Б.Ғ.) ҳақиқати таърихии ин ақидаҳо комилан пӯшида буд».[13]

Аз афти кор, дар миёнаҳои асри III пеш аз милод сатрапи Порт хостааст аз Селевкиён ҷудо шавад. Дар ҳамин давра аз Селевкиён Бохтар ҷудо шудааст. Маъхазҳо ривоят мекунанд, ки дар Порт ҳокимиятро Арсак ба даст гирифт. Ба қавли Страбон (XI, 9,3; XI, 9, 2), асли насаби вай аз кӯчманчиёни дах (ё худ парндаҳҳо) будааст; «баъзеҳо акси инро мегӯянд,– гапашро идома медиҳад Страбон– ва ӯро бохтарӣ мешуморанд, ки барои халос шудан аз қудрати рӯзафзуни Диодот ва ворисони вай дар Порт исён кард». Юстин хабар медиҳад, ки (XI, I, 4, 6) Арсак шахси безот, вале бошуҷоат буд. Вай ба сатрапи Порт дарафтод, бар ӯ ғолиб омад «ва бар халқи Порт ҳукмрон шуд». Ақидаи севум (ки хеле муфассал аст) ба Арриан («Парфика», фиқраи 1) тааллуқ дорад. Ду бародар Аршак ва Тиридот аз сатрапи Селевкиён ҳақорат шунидаанд. Пас аз ин панҷ шарики худро ба ёрдам ҷеғ зада, таҳқиркунандаи худро куштаанд ва халқро ба шӯриш таҳрик кардаанд.

Мо бо Дибвойс[14] ҳамфикр ҳастем, вале бе маъхази иловагӣ муқаррар кардан душвор аст, ки кадоме аз ин ақидаҳо дуруст мебошанд[15].

«Аввал Арсак оҷиз буд, зеро мудом бо онҳое меҷангид, ки мулкашонро кашида гирифта буд...» (Страбон, XI, 9, 2). Дере нагузашта Арсак ҳалок шуд.

---

[11] Дигар тафсирро ниг.: Bickerman E., 1966, p. 89 (n. 13), 91-93

[12] Curiel R. et Fussman C, 1965, p. 75; Lahiri A. N.. 1965, p. 110–114, 265.

[13] Debevoise N. C, 1938, p. 9–10.

[14] Ibid, p. 10.

[15] Дар бораи пайдоиш ва таърихи давраи аввали Порт, ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар хориҷа бисёр муаррихон (А.Г.Бокшанин, Г.А.Кошеленко, М.Е.Массон, И.Волский, Ж. ле Риде ва диг.) тадқиқот бурдаанд ва ҳозир машғули тадқиқот мебошанд, вале на хронология ва на моҳияти воқеаҳои миёнаҳои асри III пеш аз милод алҳол комилан равшан нестанд.

Минбаъд подшоҳони Порт аксаран бо номи аслии худ номбар нашуда, балки «арсакҳо» («аршакҳо») ва худи сулола «Арсакиён» («Аршакиён») номида шудааст, ки дар сарчашмаҳои шарқӣ бештар бо номи Ашкониён машҳур аст.

Пас аз вафоти асосгузори сулола – Аршак бародари вай Тиридот ба сари ҳокимият омад[16]. «Дере нагузашта Арсак (яъне Тиридоти I.– Б.Ғ.) мулки Гирконро низ тасхир кард. Ба ҳамин тарз, Арсак бар ду давлат сарвар шуда, лашкари бузурге ҷамъ овард, зеро ҳам аз Селевк ва ҳам аз шоҳи Бохтар Диодот бим дошт» (Юстин, XLI, 4, 8).

Дар айни ҳол, ҳамин хеле муҳим аст, ки ҳар ду давлати навбунёд бо ҳам мухолифат меварзиданд. Аз афти кор, сараввал ҳар яки он иддао дошт, ки дар Осиёи Миёна ҳукмрон шавад. Ҳокимони Порт дар аввал аз Диодоти I ба дараҷае меҳаросиданд, ки аз Селевкиён ин қадар ҳарос надоштанд. Вале баъди марги Диодоти I кор ранги дигар гирифт. Аз афти кор, ниятҳои таҷовузкоронаи Селевкиён, ки ба ҳар ду давлати соҳибихтиёри Осиёи Миёна таҳдид мекарданд, дар бобати дигар гаштани муносибати Порт ва Юнону Бохтар сабаби асосӣ шуданд. Баъди марги Диодоти I писараш Диодоти II бо Порт муоҳидаи сулҳ баст (Юстин, XLI, 4, 8–9). Гап дар ин ки подшоҳи Селевкиён – Селевки II ба шарқ лашкар кашид, то ноҳияҳои Осиёи Миёнаро боз ба мулки худ ҳамроҳ кунад. Вале ин дафъа «дандонаш нагузашт». Портҳо, ки ақибгоҳи худро мустаҳкам карда буданд, ҳамлаи селевкиёнро рад намуданд. Рости гап, аввал Тиридоти I маҷбур шуд ба мулки апасиакҳои кӯчманчӣ, ки дар шимоли Порт мезистанд, ақиб нишинад, вале баъд баргашту Селевки II-ро торумор кард.

Дар боло мо гуфтем, ки иттифоқи Порт ва Юнону Бохтар дар бобати сиёсати хориҷӣ чӣ мақсад дошт. Эҳтимол, Диодоти II муоҳидаи мазкурро барои ҳамин баста бошад, ки мехост дар соҳаи сиёсати дохилӣ ҳам мавқеи худро пойдор намояд, зеро вазъият дар дохили мулки вай он қадар ҳам таърифӣ набуд.

Душмани Диодоти II Евтидем ном юнонии Осиёи Сағир, ки ба туфайли табаддулот ба сари ҳокимият омад, беш аз пеш мақоми намоёнро соҳиб мешуд. Тахмин мекунанд, ки вай бародари Диодот аст, вале ин аз эҳтимол дур мебошад. Чунин тахмин ба ҳақиқат наздиктар аст, ки вай пеш аз табаддулот дар давлати Юнону Бохтар мансаби баланде дошт, вале чӣ гуна мансаб, инаш маълум не. Баъзеҳо мегӯянд, ки вай сатрапи Суғд буд, дигарон сатрапи Ориёно ё Марoға мегӯянд, вале ҳамаи ин иддао ягон асоси ҷиддие надорад.

Полибий (X, 34, 2–3) бо забони худи Евтидем чунин мегӯяд: «На ман аввал зидди подшоҳ хестам, баръакс ҳукмрони Бохтар барои ҳамин шудам, ки авлоди чанд хоинро қир кардам». Аз ин мебарояд, ки Евтидем авлоди Диодоти I, яъне худи Диодоти II ва бачагони ӯро ва, эҳтимол, авлоди дигар ҳамсафони Диодоти 1-ро нобуд кардааст.

В.Тарн мутмаин аст, ки табаддулоти Евтидемро «халқ дастгирӣ мекард, зеро иттифоқ (Диодоти II.– Б.Ғ.) бо Порт ба юнониёни Бохтар маъқул набуд»

---

[16] Ба ҳамин тариқ, мо иддаои И.Волский (Wolski J., 1947, p. 222) ва пайрави ӯ Г.А. Кошеленкоро (Кошеленко Г.А., 1968, с. 64–65), ки Тиридотро шахси афсонавӣ гуфтаанд, қабул надорем. Маълумоти архиви Насо далолат мекунад, ки Тиридот вуҷуд дошт (Дяконов И.М. ва Лившитс В.А., 1960, 7,с.20-21).

ва Евтидем ба манфиати Селевкиён амал мекард.[17] В.Тарн дар асоси чунин тахмин сухан меронад, ки зани Евтидем духтари маликаи Селевкиён буд ва ба ин сабаб худро хешу ақрабои Селевкиён мешумурд. Вале ҳамаи ин тахминҳои беасос аст.

Дар бораи ҷиҳатҳои ҳақиқии воқеаҳои минбаъдаи аҳди Евтидем маълумот ниҳоят кам аст. Тахмин кардан мумкин, ки вай Диодоти II-ро кушту бо худи ҳамин як кирдораш муносибатро бо Порт тезутунд кард. Аз эҳтимол дур нест, ки ин муносибати тезутунд боиси задухӯрдҳои мусаллаҳона ҳам гардид. Чи тавре ки аз баёни минбаъда равшан мешавад, дар аҳди Евтидем давлати Юнону Бохтар, дар ғарб Ориёно, Мароға ва эҳтимол, Аспион ва Туриваро аллакай дар бар мегирифт. Ба ҳамин тариқ, Евтидем дар Осиёи Миёна мулки зиёдеро соҳиб шуд. Маркази ин мулк ҳамоно Бохтар буд ва ба ҳайати он Суғд ва мумкин аст, баъзе ноҳияҳои ҳамсоя дохил мешуданд.

## Муборизаи зидди истилокории Селевкиён

Сипас, ахбори маъхазҳо моро ба даҳсолаҳои охири асри III пеш аз милод меоварад. Дар ин мобайн Порт давлати муқтадир гардид. Барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ Ашкониён баробари қувваи ярок, инчунин аслиҳаи идеологиро ҳам кор мефармуданд. Дар тангаҳои онҳо дар паҳлуи номи подшоҳ унвони «teos», яъне «Худо» пайдо шуд, ки ин далели баробари Худо боло бардоштани шоҳ мебошад ва ин яке аз хусусиятҳои идеологияи сиёсии Шарқи қадим аст. Аршакиҳо барои исботи худодод будани ҳокимияти худ ҳангоми тоҷгузорӣ маросими оташпарастиро истифода мебурданд, ки аз он қадимтарин урфу одатҳои эронӣ бармеояд.[18]

Яке аз мавзӯъҳои маъмули расми рӯйи тангаҳои портӣ расми мардест, ки дар ҷойи нишастааш дасташро рост карда, камонро дошта истодааст. Ақидае ҳаст, ки ин гуна тасвир кардани камонро бояд як навъ инвеститура шуморид. Диққати муҳаққиқон инчунин ба ҳамин ҷиҳати масъала низ ҷалб карда шуд, ки мавзӯи расми рӯйи тангаҳои Ашкониён ва расми рӯйи зарфҳои нуқра, ки аз қӯрғони давраи скифҳо дар маҷрои миёнаи Дон, дар наздикии Воронеж ёфта шуд, ба ҳамдигар хеле шабоҳат доранд[19]. Агар тавзеҳи ба қарибӣ пешниҳодшудаи расми рӯйи он зарфҳоро қабулкарда эътироф намоем, ки он расм тасвири ривояти скифии пайдоиши скифҳо ва шоҳони онҳо мебошаду дар айни ҳол, инчунин манзараи инвеститураро ҳам инъикос менамояд, пас гуфтан мумкин, ки шабоҳати он ду расм исботи возеҳи расми рӯйи тангаҳои портӣ мебошад. Зиёда аз ин, агар чунин маълумоти муаррихони антиқаро ба назар гирем, ки Ашкониён худ аз шимол ва кӯчманчӣ буданд, пас шояд чунин иддао ҳам карда тавонем, ки ҳам дар зарфи скифӣ ва ҳам дар тангаи ашконӣ ҳамон як чиз тасвир шудааст.[20]

Тиридот ҳудуди Портро вусъат дода, ба он чанд ноҳияҳои Эронро ҳамроҳ кард, чанд қалъа сохт, шумораи лашкари худро афзуд. Вале тақрибан соли 211

---

[17] Tarn W.W., 1951, p. 74.
[18] Кошеленко Г.А., 1971.
[19] Droysen I.G., 1952, c. 100.
[20] Раевский Д.С, 1977, с. 125–128.

баъди 37 соли ҳукмронӣ вафот кард. Ба тахти салтанат писараш Артабони I нишаст.

Дар ин солҳо мавқеи Селевкиён боз мустаҳкам шуд. Подшоҳи Селевкиён Антиохи III кӯшид, ки ҳукми худро ба тамоми мулкҳои пешинаи шарқии Селевкиён ҷорӣ намояд, алалхусус, ки Тиридот барин лашкаркаши ботаҷрибаи кордон кайҳо фавтида буд. Мувофиқи маълумоти, зоҳиран, муболиғаомези Юстин (XLI, 5, 7) Антиохи III бо лашкари сершумор–100 ҳазор пиёда ва 20 ҳазор савора ба юриш баромад[21]. Портҳо мардона муқобилат мекарданд, вале душман зӯр буд ва онҳо маҷбуран ақиб нишастанд. Онҳо як қисми хоки худро аз даст доданд ва маҷбур шуданд, ки дар бораи иттифоқ бо Селевкиён муоҳида банданд[22].

Роҳ ба хоки давлати Юнону Бохтар кушода шуд. Рафти воқеаҳои минбаъдаро Полибий ба қалам додааст. Дастаи пешгарди лашкари Евтидем, ки 10 ҳазор савора дошт, ба лаби дарёи Арей (Ҳарирӯд) оварда шуд. Вазифаи онҳо ҳамин буд, ки ба убури лашкари Селевкиён монеъ шаванд. Убургоҳро рӯзона дидбонӣ мекарданду шабона андаке аз дарё дуртар хайма зада қарор мегирифтанд ва, аз афти кор, дар канори дарё танҳо посбононро мегузоштанд. Антиохи III инро фаҳмида дар торикии шаб номаълум лашкари худро ба канори дарё оварду қарибиҳои субҳ қисми зиёди лашкари худро аз дарё гузаронд. Бохтариён хабари ҷосусони худро шунида ба тарафи дарё тохтанд. Антиохи III шахсан худаш дар сари лашкар истод. Лашкари саворои бохтариён ба се гурӯҳ тақсим шуда, ба сари Селевкиён фурӯ рехтанд ва аз ҳар ду тараф одами зиёде кушта шуд. Сарчашмаҳо қайд кардаанд, ки ҳуҷуми саворагони бохтарӣ хеле кирой буд. Полибий менависад, ки вақте гурӯҳи дувум ва севуми лашкари бохтариён ба ҳуҷум гузашт, Селевкиён «аз ин тазъиқи мудҳиши душман ба танг омаданд». Вале Антиохи III лашкари эҳтиётии худро ба кор андохту қисми асосии лашкари бохтариён дур монд. Дар натиҷа лашкари Селевкиён ғолиб омад ва танҳо қисми ночизи саворагони бохтарӣ, ки душман онҳоро дунболагирӣ мекард, то ба қувваи асосии лашкар рафта расид, ки ба он худи Евтидем сардорӣ мекард. Евтидем маҷбур шуд, ки ба тарафи қалъаи Зариаспа – Бактарам ақиб нишинаду дар паси деворҳои мустаҳками он паноҳ барад (Полибий, X,49, 1–15).

Аз он матни то замони мо расидаи Полибий як пораи калонаш гум шудааст. Пас аз он анҷоми муҳосираи Бохтар тасвир шудааст. Байни душманон гуфтушуниди дурударозе оғоз ёфт. Евтидем, аз ҷумла, созиш карданро барои ҳамин ҳам хеле зарур мешумурд, ки «дар сарҳад... лашкари бешумори кӯчманчиён истодааст, ки барои ҳардуи мо хавф доранд ва агар он ҷоҳилон аз сарҳад гузаранд, мамлакат, бешак, истило мешавад». Аз навиштаҳои Полибий маълум мегардад, ки подшоҳи Селевкиён ҳам бесамарии муҳосираро дида, ба умеди чунон ҳалли масъала буд, ки мақбули тарафайн бошад. Гуфтушунид хеле давом кард. Барои анҷоми он Евтидем ба қароргоҳи Антиохи III писараш Деметрийро фиристод. «Подшоҳ (Антиохи III –Б.Ғ.) ӯро

---

[21] М.Е.Массон дар таърих чунин маълумоти ғалатро ҷорӣ кардааст, ки ин лашкари бузург аз они Артабони 1 буд (Массон М.Е., 1955, б, с. 11). Дар асл бошад, ин рақам ба лашкари истилогарон дахл дорад.

[22] Нақли муфассали ин воқеаҳоро ниг.: Debevoise N.C, 1938, p. 14–18.

хуш қабул кард ва дид, ки вай ҳам ба сурат ва ҳам ба сират шоистаи тахту тоҷ аст, бинобар ин аввалан ваъда дод, ки яке аз духтарони худро ба вай никоҳ хоҳад кард ва сонияи, розӣ шуд, ки ба унвони подшоҳии падараш кордор нахоҳад шуд. Дигар шартҳо дар созишномаи хаттӣ дарҷ ёфта, иттифоқи қасамӣ баста шуд. Антиох барои роҳ тӯшаи фаровон бардошта ва филҳои ҷангии Евтидемро бо худ гирифта, аз қароргоҳаш хест» (Полибий, XI, 34, I–11). Дар бораи дигар шартҳои созишнома маълумоти аниқе дар даст надорем. Фақат ҳаминаш маълум, ки Евтидем ба Антиохи III пешкаши бисёр, аз ҷумла, филҳои ҷангии худро дода, ба ҳар ҳол соҳибихтиёрии расмии Юнону Бохтарро нигоҳ доштааст. Ҳамаи ин бо шарофати ҷасорату мардонагии муҳофизони Бохтар ба даст омад, зеро муҳосираи шадид ҳам умеди онҳоро аз ғалаба канда натавонист.

Як ҷойи ривояти Полибий ҷолиби диққат аст. Қисми зарбазани лашкари Евтидем саворагони Бохтар буданд – худи ҳамон 10 ҳазор аскарони савора буданд, ки аввалин зарбаи лашкари Селевкиёнро рад карданд ва қариб буд, ки худ ба ҳуҷум гузашта, ғолиб оянд. Ба ақидаи В.Тарн, сабаби бисёр будани аскарони савораи Бохтар ҳамин, ки ба туфайли кадом як тадбирҳои сиёсии Евтидем аъёну ашрофи Бохтар ба корҳои идораи давлат ҷалб шуда будаанд[23]. Вагарна, ҳатто тасаввур имкон надорад, ки ба саворагони Бохтар чунин супориши муҳимро додан мумкин буд, зиёда аз ин, агар иқрор накунем, ки аъёну ашрофи Бохтар ба дафъи ҳамлаи Селевкиён ҳақиқатан майл доштанд, мо шарҳ дода наметавонем, ки чаро онҳо дар ҷанг ин гуна амал карданд[24].

Антиохи III аз муҳосираи Бохтар даст кашида рӯ ба ҷануб рафт ва аз Ҳиндукуш гузашта, ба Ҳиндустон даромаду «дар он ҷо бо подшоҳи ҳиндуҳо Софагасен тарҳи дӯстӣ баст» (Полибий (XI, 34, I–II) номи яке аз шоҳони сулолаи Моравиён–Субҳагонасонро чунин ба қалам додааст). Антиохи III роҳи Ҳиндустонро пеш гирифта, кӯшиш дошт як қисми хоки давлати Моравиёнро, ки дар он вақт хеле суст шуда буд, тасхир намояд, вале ин кӯшиши вай барор нагирифт. Дар айни ҳол, вай бо ин ҳаракати худ ба ҳокимони Юнону Бохтар гӯё ишора кард, ки минбаъд куҷоҳоро тасхир кардани онҳо мумкин аст.

## Равнақи давлати Юнону Бохтар

Масоҳати давлати Юнону Бохтарро писари Евтидем Деметрий аз ҳисоби хоки Ҳиндустон вусъат дод. Юстин (XII, 6,4) Деметрийро «шоҳи ҳиндувон» меномад. Страбон (XI, II, I) мегӯяд, ки Ҳиндустонро Деметрий ва боз як подшоҳи дигар Менандр тасхир карданд. Дар сафарномаи Исидори Харкасӣ Деметрий ном шаҳре зикр шудааст, ки дар Арахозия воқеъ будааст.

Тангаҳое, ки дар онҳо номи Деметрий сабт шудаанд, хеле гуногунанд. Дар ин тангаҳо подшоҳ гоҳо тоҷ бар сар ва гоҳ хӯд дар сар тасвир шудааст, ки ба сурати каллаи фил аст. Симои подшоҳ низ дар тангаҳо як хел нест. Хатти баъзе тангаҳо юнонӣ, дигар тангаҳо юнонию ҳиндӣ (бо хатти кҳарошти). Дар рӯйи тангаҳое, ки дар атрофи сурати подшоҳ хатҳои юнонию ҳиндӣ доранд, чунин

[23] Tarn W.W., 1950. p. 124–125, 410.
[24] Муқ.: кӯшишҳои зери шубҳа гузоштани ин нуктаҳо (Толстов С. П., 1940, с. 199).

навишта шудааст: «Аз они подшоҳи мағлубнопазир Деметрий»[25]. Баъзе муҳаққиқон гуногун будани тангаҳоро дар назар дошта тахмин мекунанд, ки ду подшоҳ вуҷуд дошту номи ҳар ду Деметрий буд, вале баъзе муҳаққиқон инро қатъиян рад мекунанд. Алҳол ин масъаларо аниқ ҳал кардан мумкин не. Ба ҳар ҳол Деметрий (ё худ яке аз он ду подшоҳи ҳамном) аз ҳисоби ноҳияҳои ҷануб ҳудуди Юнону Бохтарро хеле васеъ кард. Ба ду забон сабт шудани навиштаҷот ва хӯди ба каллаи фил монандро фақат чунин шарҳ додан мумкин, ки ба ҳайати давлати Юнону Бохтар кадом як қисми Қандаҳори Қадим (Шимолу ғарби Покистони ҳозира) ҳамроҳ шудааст.

Олими Ҳиндустон А.Н.Лоҳурӣ дар асоси маъхазҳои ҳиндӣ ба хулосае меояд, ки Деметрий ба Ҳиндустон дар аҳди Бриҳандратҳа (Brihandratha) ном подшоҳи нотавоне дохил шудааст, ки худ аз сулолаи Моравиён буд ва ин тақрибан соли 185 пеш аз милод ба вуқӯъ омадааст. А.Н.Лоҳурӣ ба Р.Уэтхэйд пайравӣ намуда, тахмин мекунад, ки ин истилои пойдор не, балки як навъ юриши бардавоми ҳарбӣ, як навъ тохтутозе буд, ки дар рафти он лашкари юнониёну бохтарҳо ба дарунтари хоки давлати Моравиён дохил шуданд. Ин воқеа ба Шарқ таъсири зӯр расонд ва ба ин сабаб Деметрий соҳиби унвони «шоҳи ҳиндувон» гардид, ки мо инро аз гуфтаи Юстин медонем: «Натиҷаи бевоситаи ин тохтутоз казоӣ набуд, он танҳо ба таҷовузҳои минбаъдаи юнониён (юнону бохтарҳо.–Б.Ғ.) ва истило шудани шимолу ғарби Ҳиндустон роҳ кушод». Ба ақидаи А.Н.Лоҳурӣ, Деметрий то ба Паталипутра расида, лашкари Бриҳандратҳаро торумор карду дере нагузашта ба Бохтар баргашт, зеро ӯро мубориза бо Евкратиди Кабир[26] дар пеш буд. Ин таҳлили Лоҳурӣ, ки аниқу дақиқ буда, қариб тамоми ҷузъиёташ ба фактҳо асос ёфтааст, ба назари мо, хеле эътимодбахш мебошад.

Дар он даврае, ки Деметрий ба тасхири Ҳиндустон машғул буд, дар арсаи таърихи Юнону Бохтар дигар як шахси намоён – Евкратид пайдо шуд. Юстин чунин ривоят мекунад: «қариб дар як замон дар Порт – Митридот ва дар Бохтар – Евкратид подшоҳ шуданд. Ҳар ду мардони майдон буданд. Вале толеи портҳо тофт ва онҳо ба шарофати сарварии ин марди бузург ба авҷи қудрат расиданд. Бохтариён бошанд, гоҳ ба ину гоҳо ба он ба ҷангу ҷидол саргарм гардида, на фақат мулки худ, балки истиқлоли худро аз даст доданд; онҳо бо суғдҳо, арахотҳо, дрангаҳо, ориҳо ва ҳиндуҳо беист ҷанг карда, дар азоб монданд ва дар охир гӯё аз ҳол рафта, зердасти портҳое шуданд, ки нисбат ба онҳо заифтар буданд. Ба ҳар ҳол, Евкратид дар ҳамаи ин ҷангҳо ҷасорату матонати беҳамтое нишон медод: масалан, вақте вай дар муҳосираи шоҳи ҳиндуҳо Деметрий монда хеле суст шуда буд, бо сесад нафар лашкари худ паси ҳам шабохун зада, бар шаст ҳазор нафар душман ғолиб омад. Баъди муҳосираи панҷмоҳа вай Ҳиндустонро мутеъ кард» (XII, 6, 1–5).

Страбон (XV, 1, 3) ба «Таърихи Порт»-и Аполлодор истинод намуда, менависад, ки подшоҳони Юнону Бохтар «нисбат ба мақдуниён, ҳатто қисми бештари Ҳиндустонро тасхир карданд...». Дигар ровиён ривоят кардаанд, ки ба вай «9 қабила ва 5000 шаҳр тобеъ буд». Страбон (XI, 9, 2) ривоят кардааст,

[25] Дар ин бора ниг.: Bivar A.D., 1951, p. 22–39; Массон В.М., 1961, с.40-41; Curiel R. et Fussman C., 1965, p. 75–76.

[26] Lahuri Q. N.. 1957, p. 40–49.

ки портҳо хеле пештар аз Евкратид ва тарафдорони вай, инчунин як қисми Бохтарро истило намуданд ва скифҳоро дур андохтанд. Страбон (XI, 11, 2) шаҳрҳои Бохтарро зикр карда, шаҳри Евкратидеяро ном мебарад, ки «ба шарафи собиқ ҳокими худ чунин ном доштааст» ва сипас илова мекунад, ки «портҳо аз дасти Евкратид сатрапиҳои Аспиён ва Туриваро кашида гирифтанд».

Чунинанд маълумоти маъхазҳои таърихӣ. Ғайр аз ин бисёр тангаҳои Евкратид ҳастанд. Шумораи зиёди онҳо аз Осиёи Миёна ёфт шуданд. Масалан, дар вилояти Қашқадарё, назди Китоб хазинае ёфт шуд, ки қариб 100 дона тангаҳои Юнону Бохтарӣ дорад. Аксари ин тангаҳо тангаҳои давраи Евкратид мебошанд. Ин гуна тангаҳо, инчунин аз хоки Тоҷикистон, масалан, аз ноҳияи Панҷи вилояти Кӯлоб ва ғ. ёфт шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар рӯйи он тангаҳо, ки расми Евкратид сабт гардидааст, «Подшоҳи аъзам Евкратидро» навишта шуда, дар қафои он расми ду кас ҳаст: як зани тоҷдор ва як марди бетоҷ ва инчунин хате ҳаст: «Гелиокла ва Лаодика». Ҳарфи «а», ки ба охири ин номҳо илҳоқ шуда, мансубияти онҳоро ифода менамояд, боиси шарҳу тавзеҳоти мухталифе гардид, ки мувофиқи онҳо хатти тангаро ин тавр хондан даркор: «Подшоҳи аъзам Евкратидро (фарзандонаш) Гелиокл ва Лаодик», ё худ дар қафои танга писари Евкратид ва занаш тасвир шудаанд, ки малика будааст (барои ҳамин тоҷ доштааст ва ғ. ва ҳ.). Алҳол аксари олимон эътироф мекунанд, ки дар танга волидайни Евкратид, аз он ҷумла, модараш – малика тасвир шудаанд ва гӯё бо ҳамин «қонунӣ» будани амалиёти худ ва соҳиби тахт шудани худро таъкид карданӣ будааст.[27] Ба фикри мо, маҳз чунин ақида қобили қабул мебошад ва аз гуфтаҳои сустбунёди В. Тарн, ки дар адабиёти советӣ таҳлил карда шудааст, даст кашидан даркор.



**Тангаҳои ҳокимони Юнону Бохтар**

[27] Григорев В. В., 1867, а, с. 343; Narain A. K., 1962, p. 55–56.

Дар асоси маълумоти маъхазҳои хаттӣ ва тангаҳои мазкур тахмин кардан мумкин аст, ки дар аҳди Евкратиди Кабир[28] воқеаҳо ба тартиби зайл ҷараён доштанд.

Дар он замоне, ки Деметрий дар Ҳиндустон мегашт, дар Бохтар Евкратид ном яке аз намояндагони ашрофи юнонӣ исён бардошт, ки падараш Лаодик аз авлоди подшоҳон будааст. Ин воқеа айнан дар ҳамон вақте ба вуқӯъ омад, ки ба тахти Порт Митридоти I соҳиб шуд, яъне тахминан соли 171 пеш аз милод Евкратид ҳокимиятро ба ҳамин сабаб ҳам ба осонӣ ба даст овард, ки қисми асосии лашкари Юнону Бохтарро Деметрий ба Ҳиндустон бурда буд.

Евкратид ба тахт соҳиб шуда, унвони «Сотер», яъне «Наҷотбахш»-ро гирифт ва бо ҳамин гӯё таъкид мекард, ки вай Бохтарро аз Деметрий наҷот додааст. Деметрий ин хабарро шунида, барои фурӯ нишондани исён лашкари бисёре мефиристад, ки шумораи он аз шумораи лашкари Евкратид зиёд буд. Лашкари камшумори Евкратид ба муҳосира гирифта шуд ва гӯё ки илоҷи халосӣ надошт – охир шумораи муҳосирон фақат 60 ҳазор буд. Вале Евкратид аз парокандагии лашкари душман фоида бурда (дар ин бора дар маъхазҳо ишорате нест), беист ба душман ҳамла карда, бо дастаи 300-нафараи худ мудом шабохун зада, шуҷоату ҷасорати бемисл нишон дод ва лашкари сершумори Деметрийро торумор кард. Сипас, ба тахт баромада, унвони «Подшоҳи аъзам Евкратид»-ро гирифт, сиккае зад, ки дар он расми падару модараш сабт шуда буд. Ба номи худи Евкратид дар Бохтар тангаи бисёре бароварда шуд, ки, аз афти кор, пас аз сари вай ҳам хеле вақт дар муомила буд. Минбаъд ҳам баъди суқути давлати Юнону Бохтар тақлидан ба ин тангаҳо хеле дигар тангаҳо бароварда шуд.

Евкратид дар Бохтар ҳокимияти худро тақвият дода, ба тасхири мулкҳои ҳиндустонии Деметрий шурӯъ намуд ва зимнан ҳудуди онҳоро ҳатто васеъ кард. Ақидае ҳаст, ки вай соҳиби 1000 шаҳр будааст.

Вале гуфтан мумкин нест, ки дар аҳди Евкратид ҳама кор нуран ало нур буд. Аз ду музофоти ғарбии давлати Юнону Бохтар маҳрум шуд – онҳо ба дасти подшоҳи муқтадири Порт – Митридоти I гузаштанд, зимнан Митридоти I ким-чи хел ноҳияҳои сарҳадиро низ ишғол карда будааст[29].

Евкратид тасхири Ҳиндустони шимолиро анҷом дода, ба тарафи Бохтар раҳсипор шуд. Юстин (XLI, 6, 5) менависад, ки «ҳангоми бозгашт аз юриш Евкратидро писараш кушт, ки ӯро андаке пештар ба худ шарики ҳукмронӣ карда буд. Писар падаркушии худро, гӯё ки на падараш, балки душманашро кушта бошад, ҳатто пинҳон ҳам намекард. Вай савораи аробаи ҷангӣ хуни падарашро зер карда гузашту фармуд, ки ҷасадро ба хок насупурда, партофта раванд». Ин анҷоми пурфоҷиаи кори Евкратид қарибиҳои соли 155 пеш аз милод ба вуқӯъ омадааст[30].

---

[28] Назари мо ба ин воқеаҳо бо назари А.К.Нарайан наздик аст, гарчанде дар баъзе нуктаҳо фарқ дорад ва ба ақидаҳои В.Тарн мутлақо мухолиф мебошад.

[29] Маълумоти Оросий (V, 4, 16) дар бораи истилои Митридоти I шарт нест, ки ба Ҳиндустон дахл дошта бошад (Debevoise N.C, 1938, p. 56–57).

[30] Ба ақидаи Нарайан, Евкратид ду писар доштааст – яке Платон, дигаре Гелиокл (бо Гелиокле, ки падари Евкратид буд, омехта нашавад!). Нарайан мегӯяд, ки падаркуш Платон буд (Narain A. K., 1962, p. 71-72).

Муосир ва рақиби Евкратид подшоҳи Порт – Митридоти I (солҳои 171–138/7 пеш аз милод) дар бобати вусъати ҳудуди мулки худ хеле муваффақиятҳо ба даст овард. Вай зидди ҳокимони маҳаллӣ ва Селевкиён боисрор мубориза бурда, Эрони ғарбиро ишғол намуд, ки Мидия ва Байнаннаҳрайнро ба ҳудуди Порт дохил кард. Порт тадриҷан яке аз давлатҳои муқтадири ҷаҳон гардид.

Вазъият дар Юнону Бохтар дигар буд. Аз нимаҳои асри II пеш аз милод давраи инқирози иқтидори сиёсии он расид.

Ин давлати бузург, ки ноҳияҳои беканори Осиёи Миёна, Афғонистон ва Ҳиндустонро дар бар мегирифт, пароканда мешуд. Баъзе волиён, ки аз авлоди Диодот, Евтидем ва Евкратид буданд ва баъзе ашрофи забардаст, ки ба хонадони шоҳон тааллуқ надоштанд, ҳокимиятро ба даст мегирифтанду аз номи худ сикка мезаданд. Зоҳиран, дар нимаи дувуми асри II пеш аз милод дар Бохтару Суғд волӣ Антимах ном шахсе будааст, ки унвони «Теос» («Худо») доштааст. Аз ҷумлаи шоҳони ҳиндустонӣ мавқеи Менандр намоёнтар аст, ки вай, аз афти кор, фавран баъди вафоти Евкратид[31] мулкҳои дар Ҳиндустон бударо ба даст даровардааст. Мувофиқи ривояти буддоиён, вай подшоҳи хирадманде буда, ба равнақу ривоҷи давлат мусоидат мекардааст. Тахмин меравад, ки ривояти маъхазҳои буддоӣ роҷеъ ба дини буддоро қабул кардани вай аз ҳақиқат дур нест.

Аллакай дар охирҳои асри II пеш аз милод дар аҳди Евтидем иттиҳоди қабилаҳои кӯчманчӣ ба ноҳияҳои шимолии Юнону Бохтар бевосита таҳдид мекарданд. Дар нимаи дувуми асри II пеш аз милод бошад, олами кӯчманчиёни шимолии Осиёи Миёна гӯё як баҳри хурӯшоне буд, ки мавҷҳои он паси ҳам ба соҳилҳои Юнону Бохтар дарафтода, онро пахш мекарданд. Аз омадани ин тӯфон ҳатто онҳое, ки Селевкиёнро зери по карда буданд, яъне подшоҳони Порт, ворисони Митридоти I муқтадир ба ларза меомаданд.

## 3. СОХТИ ДОХИЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МАДАНИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ III–II ПЕШ АЗ МИЛОД

### Давлати Юнону Бохтар

Ниҳоят кам будани маъхазҳои таърихӣ имкон намедиҳад, ки сохти давлатӣ ва ҷамъиятии Юнону Бохтар муфассал тавсиф карда шавад. Дар аҳди ҳокимони тавонотар давлат ба андозае соҳиби марказият буд ва дар ин бобат, аз афти кор, асосан ба тарзи давлати Селевкиён тақлид карда мешуд. Плутарх дар ҳаққи Селевк чунин латифа меорад, ки гӯё вай гуфта бошад: «Агар аксари мардум медонистанд, ки фақат барои навиштану хондани мактубҳои давлатӣ чӣ қадар машаққат кашидан даркор, тоҷҳо дар кӯчаҳо афтида мехобиданду касе ба онҳо нигоҳ ҳам намекард». Донандаи давраи эллинизм, муаррихи советӣ А.Б.Ранович менависад: «Мувофиқи маълумоте, ки аз катибаҳо ба даст омад, ҳукумати Селевкиён мукотибаи зиёде карда, амру фармонҳои гуногун тартиб дода, оид ба ҳалли муноқишаи байни шаҳрҳо қозиву ҳакамҳоро таъйин мекардааст, бошишгоҳҳои нав барпо менамудааст, бо дигар давлатҳо

[31] Narain A.K., 1969, p. 76–77.

мукотибаи дипломатиро ҷорӣ намуда, байни шаҳрҳои худи мамлакат, бо шаҳрҳои Юнон, бо маъбадҳо ва дигар мазорҷойҳои умумиюнонӣ робитаи зич доштааст».[32]

Эҳтимол, идораи давлатии Юнону Бохтар мисли идораи давлатии Селевкиён мукаммал, муфассал ва мутамарказ набуд. Дар сари давлат подшоҳ меистод. Баъзан подшоҳ бо писараш баробар ҳукмронӣ мекард. Давлат ба сатрапиҳо тақсим шуда буд.

Аз «Милинда-Панха»[33] аён шуд, ки дар салтанати Менандр, яъне дар ноҳияи ҳиндустонии Юнону Бохтар подшоҳ шаш ақрабо доштааст: сарлашкар, сарвазир, сарқозӣ, сардори хазина, чатрбардор ва шоффбардор. Ғайр аз ин, «соҳиби деҳ» низ зикр мешавад («Милинда-Панха», IV, 1, 36). К. В. Тревер дуруст қайд мекунад, ки таҳлили ҳамаи ин истилоҳот ва муқоисаи маълумоти «Милинда-Панха» бо маълумоти дигар сарчашмаҳо метавонанд ба як андозаи муайян сохти иҷтимоии давлати Менандрро равшан намояд. Вале дар бораи Бохтар ва дигар ноҳияҳои ҳамҷавор маъхазҳо ин гуна маълумот намедиҳанд»[34].



**Бошаи услуби коринфӣ. Ойхонум**

[32] Ранович А.Б., 1950, с. 140.

[33] «Милинда-Панха» рисолаест, ки асри II пеш аз милод ба забони палӣ чун мубоҳиса дар мавзӯи фалсафа байни Менандр (талаффузи ҳиндиаш Милинда) ва олими ҳиндӣ Нагасена таълиф шудааст.

[34] Тревер К.В., 1940, с. 19. В.Тарн кӯшидааст дар матни ин сарчашма ишорате пайдо кунад, ки иборат аз 500 нафар шӯрои шоҳ вуҷуд дошт (Tarn W., 1950, p. 267, 418), вале ин кори вай боиси эътирози қатъӣ ва, аз афти кор, ҳаққонии А.К. Нарайан гардид (Narain A.K., 1962, p. 167–168).

Лашкар низ мақоми намоён дошт, ки аз ҷумлаи ҳам юнониён ва ҳам аҳолии маҳаллӣ, аз ҷумла бохтариён, ҷамъ карда мешуд. Бохтариён лашкарро асосан бо қисмҳои савора таъмин мекарданд. Подшоҳ, аз афти кор, гвардияи шахсӣ низ дошт. Филҳои ҷангӣ қувваи зарбазани лашкарро афзун мекарданд.

Дар бораи ташкили лашкари Юнону Бохтар баъзе маълумотҳо ба даст омаданд. Дар лашкар қисмҳои савора ва пиёдагард қисмҳои асосӣ буданд. Осори санъат ва сарчашмаҳои хаттӣ, ки дастраси мо шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки дар лашкари Бохтар филҳои ҷангӣ буданду дар болои онҳо ҷанговарони мусаллаҳ менишастанд. Аз афти кор, филҳои ҷангиро дар айни авҷи муҳориба ба кор меандохтанд.

Юстин (XLI, 4, 5) Диодотро «ҳокими ҳазор шаҳри Бохтар» номида буд. Страбон (XV, 1,3) мегӯяд, ки ба Евкратид 1000 шаҳр тобеъ буд. Ин муаллифон, зоҳиран, на хоки худи Бохтар, балки тамоми ҳудуди давлати Юнону Бохтарро, аз ҷумла Ҳиндустони шимолиро низ дар назар доштанд ва дар зимни ин, рақами «1000» дар ин маврид на ба маънои аслии худ, балки чун муболиға омадааст. Дар айни ҳол, бояд дар назар дошт, ки ин муболиға асос ҳам дорад, яъне дар он давра дар Бохтар шаҳрҳо дар равнақу ривоҷ буданд.

Шаҳрҳои бохтариён, инчунин суғдиёнро аз рӯйи пайдоиш ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин. Ба гурӯҳи якум шаҳрҳое медароянд, ки пеш аз Ҳахоманишиҳо ва дар аҳди онҳо ба вуҷуд омадаанд. Ба ин қабил шаҳрҳо, аз ҷумла шаҳри Бохтар (Бактра)– пойтахт ва калонтарин шаҳри Бохтар мансуб аст, ки дар поёноби дарёи Кофарниҳон воқеъ буд (алҳол димнаи Қалъаи Мир); шаҳри дигар пойтахти Суғд – Мароканд ва ғ. Гурӯҳи дувуми шаҳрҳо дар замони истилои юнону мақдунӣ ё дар аҳди Селевкиён пайдо шуданд. Ба гурӯҳи севум шаҳрҳое мансубанд, ки дар давраи давлати Юнону Бохтар сохта шудаанд. Дар байни шаҳрҳои гурӯҳи дувум ва севум шаҳрҳое буданд, ки Искандари Мақдунӣ (мас. Искандарияи Ақсо) ё дигар волиёни Юнон (мас. дар Бохтар шаҳри Евкратидея) барпо карда буданд ва инчунин шаҳрҳое, ки бе дахолати ҳукумати подшоҳӣ худашон ба вуҷуд омадаанд.

Дар бораи сохти дохилии ҳаёти шаҳрҳои Бохтар ва Суғд мо маълумоти казоӣ надорем. Вале кашфиётҳои минбаъдаи эпиграфӣ шояд далолат намоянд, ки баъзе хусусиятҳои шаҳрҳои Порту Селевкиён, масалан, баъзе шаклҳои худидоракунии шаҳрҳо, дар ин маврид ҳам ҷой дошт.

Дар «Милинда-Панха» шаҳри калоне тасвир шудааст, ки дар давраи Юнону Бохтар ё худ баъдтар вуҷуд доштааст.

Дар он ҷо маълумоте ҳаст, ки дар асоси он гуфтан мумкин дар он давра косибӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Масалан, дар шаҳре, ки дар «Милинда-Панха» зикр шудааст, оҳангарон, заргарон, мисгарон, кулолон, чармгарон, хаймадӯзон, шонатарошон, бофандаҳо, наддофон, сабадбофон, камонгарон, сангтарошон, заршӯён, ошпазҳо, ҳаммомчиҳо, қассобҳо, майфурӯшон, гулфурӯшон ва ғ. ва ҳ. буданд. «Милинда-Панха» қайд мекунад, ки дар байни сокинони шаҳр фурӯшандагони моҳут ва ҳар навъ озуқа низ бисёр буданд[35]. Ҳамаи ин маълумот ба мо имкон медиҳад иддао намоем, ки ҳам касбу ҳунар ва ҳам савдо асосан дар дасти аҳолии маҳаллӣ будааст.

---

[35] The Questions of King Milinda, 1890; 1894.

Пойтахти Бохтар такягоҳи подшоҳони Юнону Бохтар буд. Барои ҳамла ба дигар мамлакатҳои ҳамсоя, алалхусус ба Ҳиндустон, онҳо дар ҳамин шаҳр қувва ҷамъ мекарданд.

Ҷойи шаҳри Бактра маълум аст: шаҳр тақрибан бист километр дуртар аз шаҳри ҳозираи Афғонистон – Мазори Шариф воқеъ буд. Вале дар он ҷое, ки Бактра воқеъ буд, ба андак танаффус бошад ҳам зиндагӣ дар тамоми муддати асрҳои миёна давом мекард ва дар ин ҷо яке аз калонтарин шаҳрҳои онвақта– Балх вуҷуд дошт. Ба ин сабаб болои табақаҳои пештараро табақоти давраи сонӣ панаҳ кардаанд, ки ҳафриёти археологиро бениҳоят душвор мекунад. Маркази он Бактра, ки дар замони Юнону Бохтар вуҷуд дошт, димнаи ҳозиразамони Болоҳисор мебошад, ки тарҳи он доираи дарозрӯя буда, вусъаташ 120 га аст. Муҳаққиқони Франсия Д. Шлюмберже ва М.Берра чи хел будани сохти деворҳои қалъаи Бактраро муқаррар карда тавонистанд. Ғафсии он деворҳо ҳайратангез аст. Гуфтан мумкин, ки ғафсии пояи ин деворҳо то ба 31 м мерасидааст. Деворҳо чанд қатор тиркашҳои пайконшакл доштанд. Ба ақидаи муҳаққиқон, аз эҳтимол берун нест, ки маҳз ҳамин деворҳо ба муҳофизони Бактра имкон доданд муҳосираи лашкари сершумори Антиохи III-ро рафъ намоянд. Аз афти кор, дар давраи Юнону Бохтар ҳудуди Бактра бо ҳамин як Болоҳисор маҳдуд набуд[36].

Солҳои 1964–1965 археологҳои Франсия ба ҳафриёти димнаи Ойхонум шурӯъ намуданд. Ойхонум дар хоки Афғонистон, дар лаби Панҷ айнан дар ҳамон ҷое, ки Кӯкчадарё ба он мерезад, воқеъ гардидааст. Тарҳи ин димнаи калон секунҷа буда, асоси дукилометраи он лаб-лаби Панҷ тӯл мекашад. Як паҳлуи секунҷа (1,5 км) Кӯкчадарё аст. Қисми шимолу ғарбии димна, ки дар лаби Панҷ аст, андаке пасттар ва қисми ҷанубу шарқии он қадре баландтар мебошад. Ҳафриёти Ойхонум натиҷаҳои муҳим дод. Аз ин ҷо пораҳои иншооти азиме ёфт шуд, ки хусусияти асосии он истифода шудани усули тарҳбандӣ ва қисмҳои бинокории эллинӣ мебошад. Биноҳо аз санг ва хишти хому пухта сохта шудаанд. Дар иморат сутуну болорҳои сангӣ дар болои деворҳои хомхишт ҷой дода шудаанд. Қисмҳои сангии иморат аз рӯйи усули коринф сохта шуда, ба меъёри эллинӣ айнан мувофиқат дорад. Аз ин ҷо ҳайкалҳои эллинӣ, сафолот, зевар, инчунин қабристони юнонӣ ва сангҳои рӯйи қабрҳои юнонӣ ва ғ. ёфт шудаанд.

Тамоми ин бозёфтҳо, аз ҷумла тангаҳо, далолат мекунанд, ки Ойхонум шаҳри асрҳои III–II пеш аз милоди Юнону Бохтар асту дар он унсурҳои маданияти юнону эллинӣ ва инчунии унсури хоси юнонии аҳолии маҳаллӣ афзалият дошт.[37] Мо ҳоло номи ин шаҳрро, ки яке аз калонтарин шаҳрҳои юнонӣ буд, намедонем – шояд ин шаҳр ҳам яке аз ҳамон Искандарияҳо ва Антиохияҳо бошад, мумкин Евкратидея ҳамин шаҳр бошад. Вале ҳаминаш аниқ, ки ин шаҳр дар давраи селевкиёну юнону бохтариён, бешак, вуҷуд дошт ва яке аз марказҳои муҳимми давлати Юнону Бохтар буд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар рӯбарӯи Ойхонум дар ин соҳили Панҷ дар ҳудуди ноҳияи Фархор археологҳо дигар осори муҳимми давраи охири аҳди

[36] Le Berre M. et Schlumberger D., 1964.

[37] Ниг.: маълумотҳои нахустинро: Schlumberger D., 1965-1966; Bernard P. P.,.1967 a, 1967, 1968 a, 1968, 1969.

Юнону Бохтар – Саксонохурро кашф намуда, тадқиқ карданд. Саксонохур аз маркази ноҳияи ҳозираи Фархор 7 км шимолтар воқеъ аст. Вусъати умумии димна 5 га. Дар рафти ҳафриёт дар ин ҷо маҳаллаи косибон, хумдонҳои кулолӣ ва инчунин иншооте ёфт шуд, ки қаср ва маъбадро дар бар гирифтааст. Маркази ин иншоот ҳавлии калони (27,7x27,7 м) чоркунҷаест, ки аз се тараф долон дорад. Дар як тарафи ҳавлӣ айвони барҳавои чорсутун будааст. Дар пешгаҳи айвон даре будааст, ки ба долон кушода мешудааст. Дар ду тарафи айвон ду ҳуҷра будааст. Аккол набошад ҳам, ба ҳар ҳол, қариб рост рӯбарӯи айвон толори калони чоркунҷае будааст, ки шифти онро ду сутун бардошта меистодааст. Дар шафати толор боз як иморати чоргӯшаи дарозрӯяе будааст, ки он ҷо қурбонӣ мекардаанд. Толор ва ин қурбонҷо гирдогирд долон доштаанд, ки бо долони гирди ҳавлӣ пайваст мешудаанд.

Ба қадди долони ғарбии ҳавлӣ ҳашт биное будааст, ки ба се гурӯҳи алоҳида тақсим шудаанд, хусусан гурӯҳи шимолии биноҳо ҷолиби диққат аст, ки дар мобайни онҳо як хонаи калони чоркунҷаи сутундор будааст. Маҳз аз ҳамин хона бисёр чизҳои қиматбаҳо, аз ҷумла себаргаи тиллоӣ ёфт шуд.



**Ҳайкали эллинӣ. Ойхонум**

Девори биноҳо ниҳоят ғафс аст, хонаҳои дарозрӯя ба бомҳои чоркунҷа ё росткунҷаи сутундор пӯшида шудаанд. Остонаи бисёр хонаҳои боҳашамат аз тахтасангҳои чортарош сохта шудааст. Айвон бо чандин сутунҳои сангӣ музайян будааст, ки пояҳои пурнақшу нигору мураккабсохти онҳо дар рӯйи таҳкурсиҳои дуқабата, сангин меистоданд. Хусусан, бошаҳои сутунҳо, ки бо усули коринф сохта шуда будаанд, намуди ғароиб доштаанд.

Аз афти кор, толори дусутунаи паси айвон ва бинои шафати он, ки меҳроби оташ он ҷо меистодааст, маркази ибодат буда, он ҳашт бинои дигар, ки ба се гурӯҳ тақсим шудаанд, толори қабул ва ибодатгоҳи қаср будааст.

Санаи иморати ин иншоот асрҳои III–II пеш аз милод[38].

Дар ҳудуди Тоҷикистон дар замони Юнону Бохтар бисёр шаҳрҳои дигар низ будаанд. Масалан, яке аз онҳо димнаи Кайқубодшоҳ мебошад, ки дар

---

[38] Литвинский Б.А. ва Муҳиддинов Х., 1969

қарибии посёлкаи ҳозиразамони Носири Хусрав воқеъ гардидааст. Тарҳи он росткунҷа (285х325 м) буда, деворҳои ғафс ва бурҷҳои чоркунҷа доштааст. Девор аз похса ва хишти хом сохта шуда, кунгурадор будааст. Аз худи шаҳр чанд биноҳои чоркунҷаву росткунҷаи сафедандова ёфт шудаанд. Кайқубодшоҳ арк надоштааст.

Андаке дуртар аз ин димна боз як димнаи дигаре ҳаст, ки дар худи посёлкаи Носири Хусрав дар ҷойи димнаи Қалъаи Мир воқеъ гардидааст. Аз ин ҷо ҳам устохонаи мисгарӣ ва бисёр ашёи рӯзгору тангаҳо ёфт шуданд.[39]

Дар байни осори археологии Тоҷикистони ҷанубӣ Куҳнақалъаи қарибии Ворошиловобод мақоми махсус дорад. Ин димна аз Кайқубодшоҳ хурдтар буда, аз ду қисм иборат: қисми асосӣ, ки росткунҷа аст ва қисми дигар, ки шакли муайяне надошта, дар шафати он воқеъ аст. Ин димна дар ҷойи аз ҷиҳати стратегӣ хеле қулай – дар лаби ҷарии канори Вахш истодааст. Дохили қалъа саросар иморат будааст, ки он аз биноҳои дарозрӯяи ба ҳам пайваста иборат буда, хонаҳои гуногуни калону хурди росткунҷа ва чоркунҷа доштааст.

Аз ҳафриёт маълум шуд, ки сохтмони Куҳнақалъа ба охир нарасида будааст. Шояд сабаб ҳамин бошад, ки он дар поёни вуҷуди давлати Юнону Бохтар сохта мешуду ҳамлаи кӯчманчиён сохтмони онро қатъ кардааст.

Куҳнақалъа ҳам мисли Кайқубодшоҳ имкон медиҳад, ки санъати қалъасозии Бохтари Қадим аниқ карда шавад. Бурҷҳои росткунҷае, ки ба ҳамдигар зич сохта мешуданд, иншооти муқтадири ҳарбӣ буданд. Нимасутунҳои махсус (пилястрҳо), ҳам девори бурҷҳо ва ҳам девори худи қалъаро мустаҳкамтар мекарданд. Қатори тиркашҳои бурҷ ва девори қалъа ҳам тиркашҳои ҳақиқӣ ва ҳам тиркашҳои қалбакӣ дошт. Даромадгоҳи қалъа бо иншооти махсуси пеши дарвоза ва ё худ ба бурҷи баланд мустаҳкам карда мешуд.[40]

Маълум, ки Самарқанду Суғд аз истилои юнону мақдуниҳо хеле зарар кашид. Вале сарфи назар аз ин дар ноҳия зиндагӣ боз ба роҳ даромаду минбаъд ҷон гирифт. Масалан, санъати кулолӣ хеле пеш рафт. Умуман, касбу косибӣ дар ин давра хеле равнақ ёфт. Ба бозорҳо дар қатори маҳсули косибони маҳаллӣ маҳсули эллинҳои косиб ҳам дароварда мешуд. Аз ҳисоби якдигар бойшавии маданият ба амал меомад, ки ин ба баланд шудани дараҷа ва сифати санъати маҳаллии косибӣ мусоидат намуд ва санъати маҳаллии косибӣ, дар навбати худ, ба касбу косибии тамоми шарқи эллинӣ таъсир расонд. Ин протсесс, масалан, аз кулолӣ ва бинокорӣ аён аст.

Дар хоҷагии қишлоқ ҳам хеле комёбиҳо ба даст омад. Муаллифони атиқа аз шароити хеле қулайи обу ҳавои Бохтар бисёр ривоят кардаанд. Дар ин ҷо ғалладона мекоштаанд (зотан донаи зироати ин ҷо хеле калон-калон будааст), аз ҷумла, дар ин ҷо шолӣ нағз мешудааст, боғу токзорҳо будаанд, чорводорӣ равнақ доштааст. Шакке нест, ки ҳам дар Бохтар ва ҳам дар Суғд шабакаи калони каналҳои обёрӣ вуҷуд дошт.

Дар фавқ ҳангоми тавсифи таърихи афкори сиёсӣ мо борҳо ба тангаҳо истинод кардем. Алҳол мукаммалтарин ва бонизомтарин маълумотнома роҷеъ ба тангаҳои давраи Юнону Бохтар «Корпуси тангаҳои ҳиндуюнонӣ» мебошад,

---

[39] Дяконов М.М., 1953. с. 172 ва боз: 1956, с. 57-66.
[40] Литвинский Б.А., Кузмина Е.Е., Певзнер С.Б., 1956.

ки олими Ҳиндустон А.Н.Лоҳурӣ[41] тартиб додааст, вале гуфтан даркор, ки дар маълумотномаи мазкур материали музейҳои советӣ ва асарҳои дар ин бобат чопшудаи советӣ истифода нашудааст. Подшоҳони Юнону Бохтар аз тилло, нуқра, мис сикка мезаданд, ғайр аз ин сиккаҳое буданд, ки аз хӯлаи мису никел зада мешуданд. То ба замони мо бисёр тангаҳои нуқраи Юнону Бохтар омада расидаанд.

Дар рӯйи тангаҳо, одатан, сурати шоҳ ва дар қафои он сурати ягон худо (Аполлон, Артемида, Афина, Деметра, Диоскура, Геката, Гелиос, Геракл, Зевс, Ника, Посейдон) нақш мешуд. А.Н.Лоҳурӣ менависад, ки ин худоҳои юнонӣ, «баъзан бо қиёфае тасвир меёфтанд, ки ба тавъамони шарқии онҳо хос буд».

Дар аввалин тангаҳои Юнону Бохтар катиба фақат аз унвон ва номи шоҳ иборат буд. Евкратид аввалин касе буд, ки дар тангаҳо сифати μεγας («кабир»)-ро сабт намуд. Антимох бошад, худро υεος («худо») номид. Дар аҳди Евкратид дар тангаҳо бори нахуст катибаи дузабона пайдо шуданд. Сурату хатҳои юнонӣ, ки одатан, дар қафои танга сабт мегардид, ба рӯйи танга гузаронда шуда, дар қафои он бо хатти кхароштӣ тарҷумаи таҳтуллафзии пракритии онро сабт мекардагӣ шуданд. Зимнан, гуфтан лозим, ки катибаҳо ҳеҷ вақт ба ҳамдигар мувофиқат надоштанд. Дар тангаҳои мисии давраҳои сонии ду волиёни ҳиндуюнонӣ дигар хат – хатти браҳмӣ[42] истифода мешуд.

Масъалаи миқёси вазни тангаҳои Юнону Бохтар мувофиқи ҳамон миқёси вазн аст, ки дар Юнон маъмул буда, атиқӣ ном дошт ва аз рӯйи он воҳиди вазни тилло ба 132 гран, яъне ба 8,2 г баробар буд. Масалан, чунинанд вазни тангаҳои тиллоии Диодоти I ва II, Евтидеми I ва Евкратид, ки статер ном доштанд. Вале тангаҳои Юнону Бохтар на ҳама вақт ба миқёси вазни атиқӣ мувофиқат мекарданд ва дигар миқёсҳои вазнӣ низ кор фармуда мешуд. Пайдоиши ин миқёсҳо ва самараи иқтисодии истифодаи онҳо мавриди мубоҳиса мебошад.[43]

Зиёд будани тангаҳои Юнону Бохтар далели раднопазири ривоҷи муомилоти мол аст. Мувофиқи маълумоти бозёфтҳои навтарини археологӣ тиҷорати байналхалқӣ, алалхусус тиҷорат бо олами эллинӣ хеле дар авҷ будааст. Дар айни ҳол, тангаҳо дар савдои дохилӣ ҳам истифода мешуданд. Ба ин маъхазҳои хаттӣ ҳам шаҳодат медиҳанд. Сайёҳони аҷнабӣ навиштаанд, ки «бохтариён дар савдо ҳамто надоранд». Дар Бактра бозори калон будааст.[44]

Маълумот дар бораи маданияти маънавӣ ниҳоят ноқис аст. Вале ҳамин маълумоти ноқис ҳам далолат мекунад, ки Юнону Бохтар яке аз марказҳои мадании ҷаҳони онзамона буд. Дар сарзамини Бохтар маданияти мутараққии ба худ хоси маҳаллӣ вуҷуд дошт, ки он аз қаъри асрҳо ибтидо мегирифт. Равобити тамаддуни Бохтар бо маданияти бойи Ҳиндустон, бо маданияти юнониён ва бо маданияти шарқи эллинӣ самараи бузург дошт.

Санъати Юнону Бохтар ба авҷи тараққиёт расида буд. Беҳтарин донандаи ин санъат К.В.Тревер дар бораи тангаҳои шоҳони Юнону Бохтар навишта буд: «Дар тангаҳои Юнону Бохтар сурати шоҳон бо маҳорати баланд сабт

---

[41] Lahiri Q.N., 1965, p. 27.

[42] Lahiri Q.N., 1965, p. 38–42, 256–262.

[43] Ibid 1, p. 13-18.

[44] Бичурин, II, с. 152.

шудаанд. Муҳри онро санъаткорони забардасте кандаанд, ки дар акси ҳаҷман хурдакак чунон расми реалистона офаридаанд, ки на фақат хусусияти қиёфаи шахсро инъикос менамояд, балки бо воситаи ин ё он ҷузъиёти хурд феълу атвори ин ё он шахсро аён месозад». Ба қавли К.В.Тревер, дар шаҳрҳои Бохтар асарҳои ҳайкалтароши машҳури Юнон Лисипп, ки муаллифи ҳайкалҳои маъмули Искандари Мақдунӣ мебошад, бояд вуҷуд дошта бошанд. Эҷодиёти ин санъаткор хеле реалистона аст. Санъати ҳайкалтароши асри III пеш аз милоди эллинҳо дар зери таъсири Лисипп ва пайравони ӯ такмил меёфт ва ин нуктаро ба Бохтар ҳам нисбат додан мумкин аст. Ба ҳар ҳол, дар Ойхонум аллакай ҳайкалҳои эллинӣ ёфт шудаанд. Дар масъалаи расми тангаҳо бошад, мегӯяд К.В.Тревер гапашро давом дода, «эҳтимол, дар байни муҳрканҳо юнониён ҳам буданд, вале агар инро ба назар гирем, ки тангаҳои Юнону Бохтар нисбат ба тангаҳои онзамонаи юнонӣ сурати касро равшантару возеҳтар акс намуда, ҳам фикру андеша, ҳам шафқату меҳрубонӣ ва ҳам қуввату матонатро ифодаву инъикос карда метавонанд, мумкин аст муҳрро устои маҳаллӣ – юнонӣ ё бохтарие канда бошад, ки беҳтарин анъанаҳои Лисиппро аз худ намудааст».[45]

Мо инчунин аз осори аҷоиби торевтикаи Бохтар воқиф ҳастем. Девори биноҳо бо нақшу нигор, бо муқарнасу мунаббаткориҳои сангӣ, филизӣ ва ғ. зинат дода мешуданд.

Чи тавре дар боло қайд кардем, дар ин давра Бохтар бо олами эллинӣ ва бо Ҳиндустон равобити пурсамари маданӣ дошт, ки ин дар ақоиди динӣ низ зоҳир гардидааст. Маҳз дар ҳамин давра дар Осиёи Миёна дини буддоӣ паҳн шуд.

Вале ин чунин маъно надорад, ки зардуштия мавқеи худро аз даст дода бошад. Ба маркази Бохтар – шаҳри Бактра, ки дар он ҷо зардуштия хеле маъмул буд, аз ҳар гӯшаву канор зиёратчиёни сершумор ҷамъ меомаданд. Дар ин ҷо маъбади асосии оташпарастон – маъбади олиҳа Ардвисура Анаҳито мавҷуд буд. Дар ин маъбад ҳайкали Анаҳито меистод, ки дар сар тоҷи тилло ва дар бар либосе дошт, ки аз пӯсти 30 сагобӣ дӯхта буданд. Дар шаҳр маъбади дигари худоҳо низ буд. Аз афти кор, маъбади Саксонохур ҳам маъбади зардуштиён буд.

Бешубҳа, дар Бохтар маъбадҳои юнонӣ ҳам вуҷуд доштанд, зеро дар байни аҳолӣ юнониён бисёр ва худи ҳокимони давлатии Юнону Бохтар юнонӣ буданд. Далели ин иддао сурати худоҳои юнонист, ки дар қафои тангаҳо сабт мешуд (номи онҳоро андак болотар зикр кардем). Маъбаду ибодатхонаҳои юнонӣ дар Ойхонум ҳам ёфт шуданд.

Инак, дар Юнону Бохтар динҳои гуногун вуҷуд доштанд, аз «Милинда-Панха» (1, 3) медонем, ки дар Шакала ном шаҳри Ҳиндустон намояндагони ҳама гуна динҳоро эҳтиром мекарданд. Дар ин ҷо воизи ҳама гуна дин «нидои таҳсину табрик мешунидааст». Эҳтимол, дар Бохтар ҳам вазъият чунин буд. Дар айни ҳол, шакке нест, ки аксари аҳолии маҳаллӣ – бохтариҳо мисли пештара ба зардуштия эътиқод доштанд. Мумкин аст юнониён ҳам ба таъсири он дучор мешуданд.

---

[45] Тревер К.В., 1940, с. 40–41.

## Давлати Порт

Агар бо санаҳои ин фасл маҳдуд нашавем ва материалҳои давраи сонитарро ба назар гирем, маълумот дар бораи сохти дохилии давлати Порт нисбат ба Юнону Бохтар бештар аст. Баъзе маълумотҳои муаллифони атиқа дастраси мо гардидаанд, ёдгориҳои эпиграфӣ бисёр маълумот медиҳанд ва ғ. Дар яке аз калонтарин марказҳои давлати Порт – Нисо (қарибии Ашқобод) архиви калони ҳуҷҷатҳои хаттӣ ёфт шуд, ки он аҳамияти махсус дорад.



**Остракони (сафолпораи) Порт. Архиви Нассо. Асри I то м.**

Дар давлати Порт ҳокимияти подшоҳро ду шӯро – шӯрои ашроф ва шӯрои коҳинон ба андозае маҳдуд мекарданд. Ба шӯрои ашроф ғайр аз намояндагони сулолаи ашконӣ, аз афти кор, намояндагони боз шаш хонаводаи ашроф дохил мешуданд. Подшоҳро аз байни хонадони ҳукмрони ҳамин ду шӯро интихоб карда, васияти подшоҳи марҳумро ҳам ба эътибор мегирифтанд.

Ба ҳайати Порт дигар давлатчаҳои тобеъ (масалан, Гиркония ва Сакистон), ки волии онҳо баъзан ба номи худ сикка мезад (масалан, Элом ва Персида), инчунин сатрапияҳо, ки нисбатан хурд буданд, бо сардории сатрап (ҳшаҳрап ё наҳводор) дохил мешуданд. Сатрапияҳо ба гипархияҳо ва гипархияҳо ба статмаҳо тақсим мешуданд. Марзбонҳо аз сатрапҳо болотар меистоданд, зеро ба онҳо якчанд сатрапияҳо тобеъ буданд[46].

Ба туфайли тадқиқ ва кушодани рамзи архиви Насои куҳна И.М.Дяконов ва В.А.Лившитс барои муайян намудани тартиби маъмурияти маҳаллие, ки

[46] Периханян А. Г., 1956, с. 50–51; Дяконов М.М., 1961, с. 194–197.

дар Порти шимолу шарқӣ амал мекард, материали пурқимат ба даст овარданд. Дар маҳалҳо идораҳои сершабакаи маъмурӣ вуҷуд доштааст. Воҳиди хурдтарини маъмурӣ – диз, яъне деҳаи ҳисорӣ будааст, ки ба он дизпат сардорӣ мекард. Дизпат ба сатрап тобеъ буд. Солҳои 20-уми асри II пеш аз милод дар ин ноҳия Кофизод ном шахсе сатрап будааст. Номи сардори дастаи лашкари саворагон ҳам ба мо маълум – ӯро Тиридот меномидаанд, боз номи чанд «хазинадорон» ва «аспакӣ Сосон» то ба мо омада расидаанд.

Дар ғун кардани хироҷу андоз ва андӯхтани маҳсулот як гурӯҳ амалдорон машғул будаанд. Масалан, барои кашондани шароб ба анбори подшоҳ, ки мадустон ном дошт, амалдороне мутасаддӣ буданд, ки унвонҳои зерин доштанд: «шаробкаш», «муҳрдор», «котиб», «муҳосиб», «дастархончӣ». «Муғҳо» низ табақаи боимтиёз буданд ва Спосак ном муғ номбар шудааст, ки унвони атуршпат («омири оташ») доштааст[47]. Вазифаи амалдорони маҳаллӣ, пеш аз ҳама, ҳамин буд, ки аз мардум ҳар чӣ бештар хироҷу андоз ситонанд ва ӯро мутеъ нигоҳ доранд.

Ҳуҷҷатҳои архиви Насо далолат мекунанд, ки дар заминҳои ҳосилхези ҷануби Туркманистон «мулкҳое» вуҷуд доштаанд, ки аз «токзор» иборат будаанд. Моликияти замин чанд намуд дошт ва вобаста ба ҳар як намуди моликияти замин барои подшоҳ андоз мегирифтанд. Андози махсус, ки (қисман ба намуди мол ва қисман ба пули нақд) барои хомӯш нашудани оташи муқаддас ситонда мешуд, гӯё як навъ ушри динӣ буд.

Дар марказ, дар қалъаи Меҳрдодкирд (алҳол димнаи Насои куҳна) анборҳои бузурги шаробнигоҳдории шоҳ воқеъ буд. Ба ин ҷо шароб оварда, ба хумҳои калон мерехтанд ва ба ҳуҷҷати дахл менавиштанд. Барои навиштани ҳуҷҷат тани хумҳо истифода мешуд. Дар як пораи он гапҳои лозимаро навишта мемонданд (масалан, «турш шудагӣ», «ба хуми дигар рехта шудагӣ» ва ғ.) Дар ин ҳуҷҷатҳо миқдори шароб, номи токзору номи мулк, ному унвони шаробкаш, санаи овардани шароб, навъи шароб ва ғ. нишон дода мешуд. Ин гуна ҳуҷҷатҳои муфассал дар давоми 70 сол тартиб дода мешуд. Ғайр аз ин ҳисоботи умумӣ, рӯйхатҳо ва барои шаробгирӣ талабномаҳо ёфт шудаанд.[48]

То ба қарибӣ фақат шаҳрҳои Порти ғарбӣ, санъати шаҳрсозӣ ва маданияти он омӯхта шуда буд. Аз ҳуҷҷатҳои бадастомада маълум буд, ки шаҳрҳо, ба ҳар ҳол шаҳрҳои калон, органҳои худидоракунӣ доштанд, ба шаҳр як ноҳияи хоҷагии қишлоқ вобаста буд ва баъзе шаҳрҳо аз номи худ ҳатто сикка мезаданд.

Ба шарофати ҳафриёти археологҳои советӣ бори нахуст шаҳру деҳаҳои Порти шимолу шарқӣ ҳам маълум шуданд. Масалан, дар ду димнаи ҳамшафати Насо, ки дар деҳаи Боғир (қарибии Ашқобод) воқеъ аст, чандин сол ҳафриёт канда шуд. Димнаи Насои куҳна қуруқи подшоҳ будааст. Насои нав бошад, боқимондаи шаҳри Порт.

Қалъаи Насои куҳна қасрҳои подшоҳ (аз ҷумла, иморатҳои хоҷагӣ) ибодатгоҳҳо, бинои сарбозон ва манзили ашрофонро дар бар мегирад. Тарҳи қалъа панҷгӯша буда, дар атрофаш девори мустаҳкаме дошт, ки ғафсии пояи он ба 9 м мерасид. Дар гӯшаи ҷанубӣ гулдастаи азиме буд, ки вусъати болои он

[47] Дяконов И.М. ва Лившитс В.А., 1960, с. 22–23; 1966, с. 141–143, 146.
[48] Дяконов И.М. ва Лившитс В.А., 1960, с. 16–20; 1966, с. 134–136.

35x35 м буд. Худи ҳамин гулдаста истеҳкоми мукаммал – яке аз қисмҳои асосии мудофиаи қалъа буд. Девору бурҷҳо аз похса ва хишти хом мебошанд. Тахмин мекунанд, ки ба қалъа фақат бо як роҳрави дарози моил (пандус), ки тактаки девори қалъа тӯл мекашид, даромадан мумкин буд.

Дар миёнҷои қалъа толори ниҳоят бузурги чоркунҷае буд, ки 400 метри мураббаъ вусъат дошт. Дар мобайни толор чор сутуни хиштӣ меистод, ки танаи ҳар яки онҳо гӯё аз чор нимасутун таркиб ёфта буд. Дар гирду атрофи девори толор қатори нимасутунҳо менамуд. Қабати дувуми девори толор низ нимасутунҳо дошту дар мобайни ҳар як ду нимасутун дар тоқчаҳо ҳайкалҳои калони (аз қади одам болотар) гилӣ меистоданд. Қабати дувуми девор бо ранги сурхи баланд андова карда шуда, нақшу нигори бисёр дорад ва зарҳалкорӣ карда шудааст. Фарши толор гаҷӣ, сақфаш тахтагин, дар мобайн равзан дорад, ки ягона манбаи равшанӣ мебошад. Ҳар касе, ки ба ин толор медаромад, сутунҳои босалобат гӯё ба фалак саркашида, муҷассамаҳои назаррабои ба дил ҳаросандозанда, шавкату шукӯҳи нақшунигору рангубори онро дида, моту мабҳут мешуд. Дар байни меъморон ва археологҳо мубоҳиса меравад, ки ин толор чӣ буд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин толори азим қабулгоҳи подшоҳони Порт мебошад, дигар гурӯҳ мутахассисон тарафдори чунин ақидаи ба ҳақиқат наздиктаре мебошанд, ки толори мазкур маъбади азими оташ аст, ки ба ёдбуди аҷдодони худогашта сохта шудааст, яъне як навъ осори меъмории динӣ мебошад.

Дар Меҳрдодкирд ғайр аз ин ибодатгоҳ дигар иморатҳо, аз ҷумла, анбори калони шароб, ки зиёда аз ним миллион литр шароб мебурд ва хазинаи подшоҳ ёфт шуд, ки он як бинои калони сарбастаест (60x60). Дар яке аз хонаҳо бисёр ашёи оҷӣ, асосан ритонҳо – ҷомҳои шохшакл ёфт шуданд. Лаби ритонҳо изорае дорад, ки дар он бо усули мунаббат лавҳаҳои Дионисий, худоҳо ва ғ. тасвир ёфтаанд. Поёнтари изораи аксари ритонҳо ба шакли муҷассамае сохта шудаанд. Инчунин ҳайкалҳои гилӣ (аз ҷумла, ҳайкалҳои гилии зарандуд), биринҷӣ, мармарӣ ва нуқра ёфт шуданд. Масалан, ҳайкалчаи нуқрагини зарандуди олиҳаи Порт, ҳайкалчаи нуқрагини Эрот ном бут, ки дастпонаҳои тиллоӣ дорад ва ғ. Осори портии Насо, ки ба қавли Г.А.Кошеленко, «таркиботи узвии ду «мабдаъ» – мабдаи маҳаллӣ, мабдаи бисёрасраи анъанаҳои мадании халқҳои эронинажоди Шарқи Наздику Осиёи Миёна ва мабдаи эллинӣ мебошад».[49]

Дар байни бозёфтҳои Насои кӯҳна ҳуҷҷатҳои сершумори Порт, ки дар боло ном бурдем, мақоми махсус дорад. Ин ҳуҷҷатҳо асосан санадҳои андозу хироҷ буда, дар остраконҳо, яъне дар порчаҳои сафолӣ сабт шудаанд.

Дар димнаи дигар – дар Насои нав боқимондаҳои маъбад ва сағонаҳо ёфт шуданд.[50]

Архиви Насо имкон дод, ки на фақат тартиботи маъмурию андозгирӣ, балки инчунин маданияти маънавии шимолу шарқи Порт амиқтар дарк карда шавад. Худи ҳуҷҷатҳо бо хатти оромӣ навишта шудаанд. Бояд хотирнишон намуд, ки хатти оромӣ ҳанӯз дар девони ҳахоманишиҳо кор фармуда мешуд.

---

[49] Кошеленко Г.А., 1966, с. 40.

[50] Оид ба нашри осори портии Туркманистони ҷанубӣ ниг.: «Труды ЮТАКЭ»;Массон М.Е. ва Пугаченкова Г.А., 1959, с. 22–117.

М.М.Дяконов, И.М.Дяконов ва В.А.Лившитс рамзи ин хатро кушода истода, дар ибтидои кор диданд, ки як қисми калимаҳо оромию қисми дигар портӣ мебошанду зимнан худи ҳамон як мафҳум гоҳ бо калимаҳои оромӣ ва гоҳ бо портӣ шарҳ дода шудаанд. Синтаксиси ҳуҷҷатҳо на оромӣ, балки портӣ – калимаҳои портӣ мувофиқи қоидаҳои грамматикаи забони оромӣ не, балки мувофиқи қоидаҳои грамматикаи забони портӣ навишта шудаанд. Ҳамаи ин муҳаққиқонро ба ақидае водор сохт, ки дар он давра калимаҳои оромӣ фақат як навъ мифтоҳи махсус (гетерограмма) буданд, яъне ба оромӣ навишта шуда бошанд ҳам, ба оромӣ хонда намешуданд ва котиб маҷмӯи ин ё он ҳуруфро дида, ин ё он калимаи портиро ба забон меоварду бас. Аз худ намудани чунин хат кори осон набуд. Пеш аз он ки талабаҳо ба ҳуҷҷатнависӣ ҳуқуқ пайдо кунанд, бояд дурудароз машқ мекарданд. Хатҳои машқ низ ёфт шудаанд, ки дар порчаҳои сафолӣ навишта шудаанд (дигар масолеҳи хатнависӣ – чарм чизи арзоне набуд, ки барои хатмашқкунӣ истифода шавад).

Дар давлати Порт динҳои ниҳоят гуногун вуҷуд доштанд. Ғайр аз динҳои маҳаллӣ парастиши худои офтоб – Митра ва асосгузори сулола – Аршак дар ин ҷо мазҳабҳои юнонӣ, зардуштия, яҳудия ва баъдтар насрония мавҷуд буданд. Дини зардуштия мақоми асосӣ дошт.

Дар ҳуҷҷатҳои Насо 200 ном зикр шудааст, ки ҳар яки он аз они зардуштии мутаассиб буданаш мумкин, бисёр номҳо соф зардуштӣ. Тақвим ҳам зардуштӣ буд.

Дар боло Спосак ном муғеро ном бурда будем, ки унвони «омири оташ» доштааст, инчунин бисёр дигар муғҳои қаторӣ зикр шудаанд. Дар ҳуҷҷатҳо бисёр маъбадҳои беном, инчунин маъбадҳои Фраат ва Нанайя сабт гардидаанд. Эҳтимол меравад, ки хоҷагиҳои маъбадӣ низ буданд. Синкретизми дини Порт инчунин аз ҳамин ҳам зоҳир аст, ки ба зумраи худоёни Порт бисёр худоёни аҷнабӣ дохил карда шудаанд.

Масалан, Нанайя худои қадимии Моҳ дар Байнаннаҳрайн буда, ҳанӯз аз давраҳои Шумер маълум аст. Баъд он ба Ошур роҳ ёфт, сипас ба Эрон, Арманистон, Сурия, Миср ва ҳатто ба Юнон гузашт. Дар ғарб бо баъзе худоён, масалан, бо олиҳа Артемидаи юнониён як шуда рафт. Нанайя (Анаҳито) баъдтар дар зумраи худоёни Кушон ва Суғд ба назар мерасад. Номи ин худо баъдҳо ба забони шуғнонӣ гузашт ва ҳоло ҳам дар ин забон «модар»-ро «нана» мегӯянд.

Ба муносибати ҳуҷҷатҳои Насо масъалаи тақвими Порт пеш омад. Оғози тақвим солест, ки ба соли 247 пеш аз милод рост меояд. Дар ҳуҷҷатҳои Насо санаҳои мувофиқи тақвими зардуштӣ (ё худ ҷавонавестоӣ) дарҷ гардидаанд. Чи тавре ки маълум аст, тақвим дар Эрон аз нимаи дувуми асри V пеш аз милод ҷорӣ шуда, ба тимсоли тақвими шамсии мисрӣ тартиб ёфтааст. Сол аз 365 рӯз, 12 моҳ (ҳар яке 30 рӯзӣ) иборат буда, ба он боз панҷ рӯз илова мешуд. Номи рӯзу моҳҳои ин тақвим талаффузи портии номи худоёни зардуштӣ мебошад[51].

Солноманависони асримиёнагии Эрон тамоми давраи бисёрасраи давлати Портро аз эътибор соқит сохта, онро ноҳақ чун давраи ҳокимияти мустабидаи пурҷаҳолат ба қалам додаанд.

---

[51] Оид ба ҳуҷҷатҳои Насо ниг.: Дяконов И.М., Дяконов М.М., Лившитс В.А., 1951 ва асарҳои дар фавқ зикршудаи И.М. Дяконов ва В.А. Лившитс. Оид ба тавсифи умумии дини Порт дар асоси маъхазҳои хаттӣ ниг.: Unvala G. M, 1925. Оид ба парастиши Нанайя дар шарқ ниг.: Ingholt H., 1954, p. 12–14.

Вале ёди ин давра дар хотири халқ ба шакли аҷиб маҳфуз мондааст – калимаи «паҳлавон» исми ом шуда, ибораи «ривояти паҳлавӣ», «суруди замони паҳлавӣ» маънои достону ривояти қадимаро гирифтааст. Номи адабиёти форсизабони асрҳои III–VII ҳам адабиёти паҳлавӣ шудааст.

Таърихи давлати Порт, ки ҳамагӣ 500 сол тӯл дорад, дар нимаи дувуми мавҷудияти худ асосан дар хоки Эрон ва Байнаннаҳрайн ҷараён гирифта, аз доираи таърихи аҷдоди халқҳои Осиёи Миёна қисман берун мемонад.

## Дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна

Яке аз муҳимтарин ноҳияҳои зироатии Осиёи Миёна – Фарғона мувофиқи маълумоти маъхазҳои охири асри II пеш аз милод дар давраи пешина ва дар давраи Юнону Бохтар соҳиби иқтисодиёти мутараққие буд. Рости гап, мо фақат дар асоси маълумоти охири асри II пеш аз милод чунин иддао карда метавонем, зеро осори асри III–II пеш аз милод алҳол аз хоки Фарғона ёфт нашудааст.

Масъалаи дар ҳайати давлати Юнону Бохтар будан ё набудани Фарғона ҳам масъалаи баҳснок аст. Дар асоси фақат як қайди Страбон (XI, 11, 1) бисёр муҳаққиқон иддао доранд, ки Фарғона як қисми давлати Юнону Бохтар буд. Вале ин иддао далели муътабар надорад[52].



**Димнаи Қӯйқирилганқалъа, асрҳои IV пеш аз милод – IV милодӣ**

[52] Дар ин бора ғайр аз асарҳои дар боло борҳо номбаршудаи В.Тарн, А.К. Нарайн боз ниг. Бартолд В.В., 1964 б; Altheim F., 1947–1948,. 315–317.



**Димнаи Қӯйқирилганқалъа (реконструксия)**

Дар Фарғона тангаҳои Евтидем, Деметрий ва сиккаи тақлидии Гелиокл ёфт шудаанд. Вале мумкин аст ин тангаҳо ва ҳам тангаи юнону бохтарӣ, ки дар Насои Порт ёфт шудааст, дар натиҷаи муомилоти савдо ба он ҷойҳо афтода бошад.

Хоразм, ки аз истилои аҷнабиён камтар аз ҳама зарар дида буд, дар асри II пеш аз милод давлати соҳибихтиёри тавоно ҳисоб мешуд. Маъхазҳои хаттӣ дар ин бора маълумоте надодаанд, вале ин иддаоро осоре, ки экспедитсияи Хоразм кашф кардааст, бешак, ба исбот мерасонад. Баъзе аз ин кашфиётро аз назар мегузаронем.

Ҷонбосқалъа росткунҷаи баробарпаҳлуест, ки дар атрофаш ду қабат девори мустаҳкам дорад. Даромадгоҳи қалъа, ки ба мудофиаи он махсус аҳамият медоданд, ба шакли долони морпечи панҷгардиша сохта шуда, ба замми ин деворҳои он тиркашҳои иловагӣ дошт. Азбаски девори қалъа бурҷ надошт, тиркашҳои гӯшаҳои девор бодбезаквор ҷойгир шуда, ғайр аз ин тоқчаҳои нимдоирае низ буданд, ки ҳар яке се тиркаш дошта, имкон медоданд, ки таги девори қалъа тирборон карда шавад. Тиркашҳо ниҳоят чуқур буда, ғайр аз ин нова ҳам доранд, то ки тир кушодан осонтар шавад. Ана ҳамин новаҳо деворро чунин вонамуд мекунанд, ки гӯё сатҳи он саросар нимсутун дошта бошад.

Шумораи калони тиркашҳо касро ба ақидае меорад, ки ба мудофиаи қалъа тамоми аҳолии он сафарбар карда мешуд. Тамоми сохти қалъабандӣ аз нақшаи ягонае далолат мекунад, ки мақсади он мудофиаи воҳа аз ҳуҷуми кӯчманчиён буд.

Ба ду тақсим будани шаҳр ҷолиби диққат аст. Кӯчаи калоне, ки шаҳрро ба ду тақсим мекунад, бо «Оташкада» – маркази парастиши оташи ҷовид интиҳо

меёбад, ки он рӯбарӯи дарвозаи қалъа ҷой гирифтааст. Дар ҳар ду тарафи кӯча иморатҳои бузург сохта шудаанд, ки аз хонаҳои сершумори андозаашон қариб якхела иборат аст[53].

Яке аз иншоотҳои ҷолиби диққати Хоразм Қӯйқирилганқалъа мебошад. Бархилофи қалъаҳои муқаррарии чоркунҷа ё росткунҷа Қӯйқирилганқалъа манори алоҳидаест, ки ғафсии он 42 м буда, бо девори тарҳаш доирашакли бурҷдор иҳота шудааст (қутри ҳалқаи берунии девор 87,5 м). Манори марказӣ дуошёна буда, ду бор аз нав сохта шудааст. Дохили қалъа бо мурури замон пур аз иморат шуда будааст.

Дар натиҷаи ҳафриёт ашёи гуногун, аз ҷумла, хумҳои бисёр ёфт шуданд. Дар рӯйи зарфҳои пачақ (баклаг) нақши мунаббатшудаи баландсанъати грифонҳо, аспакиҳо, занон ва ғ. тасвир шудааст. Ҳайкалчаҳои сершумори сафолию гаҷӣ бутҳои хоразмиро таҷассум менамоянд, инчунин суратҳои тасвири рӯзгор ҳам ба назар мерасанд. Баъзе ҳайкалчаҳо ниҳоят реалистона мебошанд. Чанд катиба ҳам ёфт шуд, ки ба асрҳои III–II пеш аз милод тааллуқ дошта, бо хатти оромӣ навишта шудааст. Дар яке аз он номе зикр шудааст, ки асосаш «аспа» мебошад ва мазмунан савораро ифода мекунад.

Дар Қӯйқирилганқалъа пораҳои даҳҳо устадонҳо (оссуарийҳо) ва бисёр ниқобҳои мотамӣ ба даст омаданд. Дар гирду атрофи қалъа ҳам бисёр устадонҳо ёфт шудаанд. Онҳо қуттии чоркунҷаи гилӣ мебошанд ва дар сарпӯши худ ҳайкали одамиро доранд (баъзан андозаи ин ҳайкал баробари қади одам аст)[54].

Ба қавли муҳаққиқони Қӯйқирилганқалъа, «бинои марказӣ гӯё сағонае буда, аниқтараш, бо қоидаи мурдасӯзӣ алоқа дошт. Ин «бинои мурдагон» якҷоя бо ҷасади ягон ашроф ё ҳоким ё худ подшоҳи Хоразм сӯзонда шудааст. Хокистари ҷасад ва шояд хокистари онҳоеро, ки ба дунёи охират мушоият мекарданд, аз хонаи сӯхта бардошта, ба устадон андохта мондаанд. Баъд тамоми ин иморат маъбади калоне шуда, дар айни ҳол ба маркази парастиши ҷирмҳои осмонӣ ва мушоҳидаи астрономӣ табдил ёфт».[55]

Ин нукта хеле аҷиб ва баҳсталаб аст, вале шубҳае нест, ки Қӯйқирилганқалъа осори барҷастаи маданияти Осиёи Миёна мебошад.

Қабилаҳои кӯчманчӣ ва ниммуқимӣ дар минтақаи васеи дашт, доманакӯҳҳо ва марғзорҳои кӯҳистон сокин буданд. Дар ноҳияҳои назди Арал ва байни дарёҳои Аму ва Сир ин қабилаҳо дар зери таъсири маданияти Хоразм монданд. Ва маҳз дар ин ҷо ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд, ашрофи кӯчманчиён мулкҳои истеҳкомӣ доштанд. Қабилаҳои кӯчманчии сакоиҳо дар ноҳияҳои соҳили рости Сир, ки дар ҷараёни мобайни он воқеъ буданд, дар даштҳои ҷануби Қазоқистон, шимоли Қирғизистон, дар канораҳои водии Фарғона, қисман дар ноҳияҳои дохилии Фарғона ва дар Помири шарқӣ маскун мешуданд. Онҳо бо ноҳияҳои аслии муқиминишин робитаҳои мустаҳками иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ доштанд, дар айни ҳол, онҳо як қисми он баҳри беканори қабилаҳои кӯчманчӣ буданд, ки аз Муғулистон то даштҳои ҷануби Рус мавҷ мезад.

---

[53] Толстов С.П., 1948, с.88-48.
[54] Рапопорт Ю.А., 1971, с. 64–66.
[55] Толстов С.П., 1962, с. 117–135. Боз ниг.: «Койкрылганкала», 1967.

Мо фақат тарҳи умумии таърихи асрҳои III–II пеш аз милоди Осиёи Миёнаро медонем ва он акнун як шакли муайян гирифта буд. Гап на танҳо дар он аст, ки ҳодисаҳои он давра чун лавҳаҳои ҷудо-ҷудо ва гусистаи як кинои азбайнрафта дар пеши назари мо ҷилвагар мешаванду зимнан иртиботи сабабии воқеаҳо, чун қоида, комилан номаълум аст. Таърихи сиёсии Юнону Бохтар то ба ҳол барои мо торик ва мавҳум мебошад. Пеш бисёр кӯшиш карда мешуд, ки номҳои аз тангаҳо маълуми ҳокимони Юнону Бохтар «ба навъҳо» тақсим карда шавад. Шарқшиноси рус В.В.Григорйев расо 100 сол пеш ин кӯшишҳоро танқид карда, бо алам навишта буд, ки «бо ин найрангбозиҳо илми таърих як қадам ҳам пеш намеравад»[56]. Дар ин сад соли охир шумораи тангаҳои ёфтшудаи Юнону Бохтарӣ хеле афзуд. Шарҳу тавзеҳоти нави таърихи Юнону Бохтар пайдо шуд, ки нисбат ба шарҳу тавзеҳоти сиккашиносони нимаи аввали асри XIX хеле ҷасурона буд. Вале ин ҷасорат, алалхусус ҷасорати В.В.Тарн, ба ягон факти аниқ муқарраршуда асос наёфтааст, балки асоси ин ҷасорат ҳамин, ки В.В.Тарн бе ҳеҷ далел байни ашхоси таърихӣ робитаву риштаҳои хешу ақрабоӣ кашида, аз рӯйи расми тангаҳо онҳоро ба ҳам наздик мекунад ва маъхазҳоро бениҳоят озодона тавсиф менамояд. Ғояти субъективизми В.Тарн боиси он гардид, ки вай манзараи аз ҳақиқат дури таърихи Юнону Бохтарро ба вуҷуд овард. Мо ҳаргиз ният надорем, ки аҳамияти асари ин муаррихи барҷастаи англисро паст кунем. Ин асар аз мушоҳида ва материалҳои пурқимат моломол аст.

Мо фақат ҳаминро гуфтанӣ, ки ҳадде ҳасту аз он ҳад гузаштани таърихшинос мумкин нест, зеро агар вай аз ин ҳад гузарад, на ин ки таърихшинос, балки қиссапардоз мешавад. В.В.Тарн маҳз ба ҳамин аҳвол афтодааст.

Дар айни ҳол ба туфайли кашфиёти археологҳо ва нумизматҳо тавсифи иқтисодӣ ва мадании Юнону Бохтар як шакли ба таври лозима конкрет ва муайяне гирифтааст.

Боз дар як масъала таваққуф кардан лозим меояд. Дар адабиёти ғарб рол ва аҳамияти маданияти эллину юнонӣ дар инкишофи Осиёи Миёна беҳад болобардор карда мешавад. Баъзе олимон иддао мекунанд, ки кулли инкишофи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна дар давраи баъди истилои юнону мақдунӣ фақат натиҷаи таъсири юнониён аст ва шаҳрҳо, аз ҷумла, истеҳкомҳо фақат баъди омадани юнониён сохта шудаанд ва ғ. ва ҳоказо.

Дар асарҳои олимони советӣ, аз ҷумла, дар асари муаллифи ин сатрҳо, ки пеш чоп шудаанд, ин ақида сахт танқид шудааст. Сабабгории узвии протсессҳои дохилии иҷтимоию иқтисодӣ – ин аст он қувваи асосие, ки инкишофи ҷамъияти Осиёи Миёнаро муайян мекард. Кашфиётҳои археологӣ дар айни ҳол муқаррар намуданд, ки бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиён ва дигар халқҳои Осиёи Миёна маданияти ба худ хос доштанд.

Вале баъзеҳо ақидаҳои беасоси буржуазиро ҳаққонӣ танқид карда истода, ба ифрот роҳ медиҳанду аҳамият ва самараи робитаи иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании байни олами юнону эллинӣ ва Осиёи Миёнаро дуруст акс наменамоянд, дар Осиёи Миёна мавҷуд будани бошишгоҳҳои калони юнониро рад мекунанд.

[56] Григорев В.В., 1867 б, с. 774-775.

Юнониён ба Осиёи Миёна ҳамчун истилогар омаданд, вале баъдҳо юнониён на танҳо дар ҳайати дастаҳои ҳарбӣ монданд. Дар байни юнониёне, ки дар Осиёи Миёна, Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон зиндагӣ мекарданд, косибу савдогар, артисту ҳайкалтарош, духтуру машшоқ ва ғ. мавҷуд буданд. Ба муносибати робитаи зич бо олами эллинӣ инкишофи сохти ғуломдорӣ як такони зӯре гирифт. Шаҳрҳо аз таъсири шаҳру бошишгоҳҳои юнониён, ки дар Осиёи Миёна барпо шуда буданд, берун монда наметавонистанд.

Таъсири юнониён ба маданияти маҳаллӣ, ҳам маданияти маънавию ҳам моддӣ, аз ин ҳам зӯртар буд. Фақат як мисол меорем: хатти юнонӣ баъди истилои Искандари Мақдунӣ дар муддати ҳазор сол дар Бохтар навъи асосии хат буд. Дар санъати меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, заргарӣ ва ғ. таъсири тарафайни маданияти эллинӣ ва маҳаллӣ ба назар мерасид. Самараи ин таъсири мутақобила дар асрҳои минбаъда ҳам равнақу ривоҷ ёфтанд. Вале бархилофи даъвои бисёр муҳаққиқони ғарб, дар ин ваҳдат маданияти Осиёи Миёна аъзои комилҳуқуқ ва ҳатто аъзои асосии пешбаранда буд. Забони юнониён, ки дар қатори аҳолии маҳаллӣ зиндагӣ мекарданд, батадриҷ бо забони мардуми таҳҷоии мамлакат омехта мешуд. Маданияти онҳо низ соҳиби хусусияти синкретӣ мегардид. Муовизаи байналхалқии мол, кӯчи мардум дар натиҷаи савдо, ҷанг, муҳоҷират ва ғ. боиси он гардид, ки беҳтарин комёбиҳои маданияти маънавӣ ва моддии Осиёи Миёна дар ғарб васеъ интишор ёфт. Бинобар ҳамин маданияти эллинӣ зодаи бисёр халқҳо: эллинҳо, мардуми Шарқи Наздику Миёна, халқҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндустон мебошад.

Боз як масъала: В.В.Тарн мегӯяд, ки Юнону Бохтар қисми олами эллинӣ, яке аз давлатҳои эллинӣ мебошад[57]. А.К.Нарайн ин ақидаро танқид карда, тамоми таърихи Юнону Бохтарро таърихи «ҳинду юнонӣ» меномаду мегӯяд: «Таърихи Юнону Бохтар як қисми таърихи Ҳиндустон аст, на давлатҳои эллинӣ. Эллинҳо омаданд, диданд, вале Ҳиндустон онҳоро тасхир намуд»[58].

Ҳар ду ақида ҳам аз ҳақиқат дур аст. Албатта, таърихи Юнону Бохтарро берун аз доираи таърихи Селевкиён омӯхтан мумкин нест. Албатта, набояд шубҳа кард, ки нимаи дувуми таърихи Юнону Бохтар бо Ҳиндустон иртибот дорад. Вале сарчашмаи таърихи давлати Юнону Бохтар дар Осиёи Миёна аст, он дар ҳамин ҷо пайдо шуд, дар ҳамин ҷо (дар Афғонистон ҳам) қувват гирифт. Маҳз ширкати унсурҳои бохтарию эллинӣ он қувваеро ба миён оварданд, ки Ҳиндустонро тасхир намуд. Пас, Юнону Бохтар, пеш аз ҳама, Осиёи Миёна ва Афғонистон аст, инчунин Ҳиндустон ва олами эллинӣ.

---

[57] Tarn W.W., 1950, p. XIX–XX.
[58] Narain A.K., 1962, p. 10–11.

# БОБИ ЧОРУМ

# ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ КУШОНИЁН

## 1. ПОРТ, ЮНОНУ БОХТАР ВА КӮЧМАНЧИЁН. ИБТИДОИ ТАЪРИХИ ЙУҶИҲО

### Кӯчманчиён ва Порт

Соли 138/7 ба тахти Порт Фарҳоди II нишаст. Худи Фарҳод ҳанӯз хурд буд ва давлатро модараш идора мекард. Амнияти мамлакат талаб мекард, ки подшоҳ дар шарқ бошад. Вале кор якбора ранги дигар гирифт – ба портҳо Селевкиён боз ҳуҷум карданд. Кори лашкари Селевкиён омад карду қисмҳои асосии ноҳияҳои ғарбии Порт, аз ҷумла, Бобулистонро тасхир намуданд, вале тантанаи Селевкиён тӯл накашид. Аҳолии шаҳрҳо аз ғорату истисмори бераҳмонаи душман ба дод омада, шӯриш бардоштанду ба гарнизони Селевкиён дарафтоданд. Фарҳод душманро торумор кард, подшоҳи Селевкиён ҳалок шуд (ё худашро кушт), духтари ӯро Фарҳод ба ҳарами худ овард. Ин охирин кӯшиши Селевкиён буд барои баргардонидани ноҳияҳои шарқӣ, ки замоне ба онҳо тааллуқ доштанд. Лашкари портҳо боз ба Бобулистон дохил шуда, барои юриш ба Сурия тайёриро сар карданд[1].

Аз паси ин комёбиҳои гуворо ба сари подшоҳони Порт рӯзҳои сахт омаданд. Дар ин бора Юстин батафсил ривоят мекунад (XLII, 1, 1-3): «...Дар ҳамин вақт исёни скифҳо (қабилаҳои кӯчманчии Осиёи Миёна – сакоиҳоро Юстин чунин меномад) ӯро (яъне Фарҳоди II-ро.– Б.F.) маҷбур кард, ки барои ҳимояи давлати худ аз роҳаш баргардад. Гап дар ин ки скифҳо дар ивази музди муайян бояд ба портҳо ёрӣ расонда, зидди подшоҳи Сурия – Антиох меҷангиданд, вале фақат баъди тамом шудани ҷанг расида омаданд. Онҳоро сахт таъна заданд, ки вақти даркорӣ ёрӣ нарасонданд ва муздеро, ки бояд онҳо мегирифтанд, надоданд. Скифҳо ниҳоят дар ғазаб шуданд, ки ин қадар роҳро беҳуда тай намуданд ва талаб карданд, ки ё музди онҳоро диҳанд ё бар зидди ягон душмани дигар фиристанд. Вале Фарҳоди II талаби онҳоро ҳавобаландона рад кард ва скифҳо ҷавоби радро барои худ таҳқир дониста, ба ғорати мулки Порт сар карданд. Бинобар ҳамин Фарҳод ба ҷанги зидди онҳо баромад...».

Амалиётҳои ҷангӣ (дар соли 130 пеш аз милод) чунин сурат гирифт (Юстин, XLII, 1, 4-5): «...Фарҳод ба ҷанг ҳамон лашкари юнониёнро бурд, ки дар муҳорибаи зидди Антиох асир гирифта буд ва то ба ҳол нисбат ба онҳо

[1] Debevoise N.C., 1938, p.27-37.

ҳавобаландона ва бераҳмона муомила мекард... Бинобар ин, вақте юнониён диданд, ки сафи портҳо андак суст шуд, зуд ба тарафи душман гузаштанд ва кине, ки барои асирии худ кайҳо дар дил мепарвариданд, ба амал баровардаанду ҳам лашкари портҳо ва ҳам худи Фарҳодро аз дами теғ гузаронда, ғарқи хун сохтанд».

Ба тахт амаки подшоҳи пештара – Ардавони II нишаст. «Скифҳо» бошанд, Портро батамом ғорат карда, ба даштҳои худ баргаштанд (Юстин, XLII, 2, 1). Порти замоне ғаюру сарбаланд маҷбур шуд, ки ба онҳо боҷ диҳад (Иоанни Антиохӣ, порчаи 66). Вале Ардавон як бор кӯшид, ки аз ин тобеият раҳо ёбад. Вай зидди яке аз қабилаҳо, ки Юстин онҳоро тахорӣ меномад, ба ҷанг баромад, вале аз дасташ тир хӯрду дере нагузашта мурд.

Ин воқеа тақрибан соли 123 пеш аз милод ба вуқӯъ омад. Ба тахти Порт писари Ардавон – Меҳрдоди II нишаста, унвони Кабирро гирифт. Фақат дар аҳди вай ба портҳо муяссар шуд, ки пеши роҳи қабилаҳои сакоиро гиранд ва ҳатто (ҳамааш набошад ҳам) ноҳияҳои скифҳо ишғолкардаро баргардонанд. Юстин мегӯяд (XLII, 1,5): «Вай чанд бор зидди скифҳо бомуваффақият муҳориба кард ва қасоси он озореро гирифт, ки ба аҷдоди вай расонда буданд». Дар аҳди Меҳрдоди II (123-87 пеш аз милод) Порт чунон тавоно шуд, ки пеш аз ин ҳеҷ вақт ба чунин дараҷаи иқтидор нарасида буд.

## Масъалаи пайдоиши йуҷиҳо

Ҷараёни воқеа дар Юнону Бохтар тамоман дигар буд. Барои фаҳмидани он ва фаҳмидани вазъияти умумии Осиёи Миёна ба воқеаҳое муроҷиат кардан даркор, ки дар шимолу шарқи хоки Осиёи Миёна ба вуқӯъ омадаанд ва дар маъхазҳои қадимии Хитой сабт шудаанд. Ҳамсояи хуннҳое, ки дар хоки Муғулистон зиндагӣ мекарданд, йуҷӣ ном халқе буд. Аллакай дар нимаи дувуми асри III пеш аз милод йуҷиҳо хеле қувват гирифтанд ва ҳокими хуннҳо маҷбур гардид, ки писари худро ба онҳо гарав диҳад[2]. Вале баъд авзоъ дигар шуд. Шанюйи хуннҳо Маодун (ё Модэ) ҷамъияти хуннҳоро аз ҷиҳати ҳарбию маъмурӣ ба як тартиби муназзам даровáрда, ин мардуми кӯчманчиро ба қувваи раднопазире табдил дод.

Маодун ду бор ба Хитой ҳамла кард, императорҳои Хан аз номи вай ба ларза меомаданд. Соли 176 пеш аз милод яке аз сарлашкарони хуннҳо йуҷиҳоро шикаст дод[3]. Писари Маодун–Шанюй Лаошан соли 174 пеш аз милод йуҷиҳоро торумор кард, ҳокими онҳоро кушта, аз косахонаи сари вай барои худ ҷоми шароб сохт. Йуҷиҳои торуморшуда ба тарафи ғарб ба Туркистони шарқӣ ва Осиёи Миёна кӯчиданд[4]. Вале дар ин ҷо мардуме зиндагӣ мекарданд, ки хитоиҳо онҳоро «усунӣ» мегуфтанд ва ҳамин усуниҳо ба андозае худ зери таъсири хуннҳо буданд. Аз афти кор, бо таҳрики ҳамин хуннҳо усуниҳо ба ҷанги зидди йуҷиҳо бархостанд, вале шикаст хӯрданд. Баъд йуҷиҳо сэ ном қабилаҳоеро торумор карданд, ки онҳо рӯ ба ҷануб гурехтанд ва аз «қантара» (яъне ағбаҳои Помири ҷануби шарқӣ) гузашта, ба Гибин (яъне

---

[2] Бичурин, II, с. 46-47.
[3] Дар ҳамон ҷо, с. 54-55.
[4] Бичурин II, с. 147–151.

қисми шимолу ғарбии Ҳиндустон) расиданд. Дар навбати худ усуниҳо қувват гирифта, йуҷиҳоро торумор карданд ва онҳо низ маҷбур шуданд рӯ ба тарафи Даҳя – Бохтар гурезанд[5].

Олими Аврупои ғарбӣ Г.Халоун менависад, ки «санаи ҳар ду сафари йуҷиҳоро аниқ муайян кардан душвор аст». Олими Япония И.Кувабара тахмин мекунад, ки йуҷиҳо ба шимоли Осиёи Миёна дар миёнаи солҳои 172-161 пеш аз милод омада, дар миёнаи солҳои 139-129 пеш аз милод ба ҷануб, ба тарафи ноҳияи Аму гузашта рафтаанд ва ин гапҳои ӯ ба ҳақиқат наздиктар мебошанд[6]. Зимнан ба ноҳияи Самарқанди ҳозира онҳо дар миёнаи солҳои 133-129 пеш аз милод расидаанд[7].

Йуҷиҳое, ки ба Осиёи Миёна омаданд, да-йуҷӣ, яъне «йуҷиҳои кабир (калон)» ном доштанд. Йуҷиҳои дар Туркистони шарқӣ маскунро «йуҷиҳои сағир» мегуфтанд.

Дар маъхазҳои антиқӣ ин воқеаҳо тамоман ба тарзи дигар тавсиф шудаанд. Бисёр гапҳоро онҳо умуман намедонистанд, зеро воқеаҳои гӯшаҳои дурдасти Осиё барои онҳо пӯшида буд. Страбон (XI, 8, 2) менависад: «Аз ин кӯчманчиён махсусан онҳое машҳур гардиданд, ки аз юнониён Бохтарро кашида гирифтанд, яъне асиҳо, пасианҳо, тахориҳо ва сакараулҳо, ки аз ноҳияи соҳили дигари Яксарт кӯчида омаданд ва макони онҳо дар шафати сарзамини сакоиҳо ва инчунин хоки суғдиён ҷой дошт, ки дар дасти сакоиҳо буд». Дар муқаддимаи китоби XLII-вуми Помпей Трог чунин иборае ҳаст: «Асиҳо – шоҳи тахориҳо ва аҷали сараукҳо», дар китоби XLI дигар иборае ҳаст, ки аз ҷумла, чунин гапҳо дорад: «...Бохтар ва Суғдро сараукҳо ва асианҳо ном қабилаҳои скифҳо ишғол карданд».

Буду шуди маълумот ҳамин – дигар гап нест. Ягон хел йуҷиҳо, ҳатто номбар нашудаанд. Дар айни ҳол, комилан равшан, ки ҳам маъхазҳои хитоӣ ва ҳам сарчашмаҳои ғарбӣ аз худи ҳамон як воқеаҳое сухан меронанд, ки боиси заволи Юнону Бохтар шуданд. Инак, дусад сол инҷониб, аз миёнаҳои асри XVIII, ин ду гурӯҳ маъхазҳоро ба якдигар «мувофиқ» карданӣ мешаванд ва барои ин тамоми халқу қабилаҳое, ки дар он маъхазҳо зикр шудаанд, байни худ ва бо дигар номҳои этникӣ (ва географии) Осиёи Миёна муқоиса менамоянд. Аммо то ба ҳол ягон ақидаи муайян нест.

Кайҳо боз тахмин мекунанд, ки дар матни Страбон котибон хато кардаанд ва аслан «асиҳо, пасианҳо...» не, балки «асиҳо, ё пасианҳо» будааст, ки мувофиқи қоидаҳои китобат чунин саҳв аз эҳтимол дур нест. Агар чунин бошад, ин ду номи ҳамон як халқ аст. Халқе, ки Страбон «сакараулҳо» номидааст, бешубҳа, айнан ҳамон «сараукҳо»-и Помпей Трог мебошад. Бисёр забоншиносон ин ду номро муқоиса карда ва дигар маъхазҳоро истифода бурда, иддао мекунанд, ки номи дурусти он халқ «сакараукҳо» мебошад, ки аз

---

[5] Дар ҳамон ҷо, с.151, 190, 191; De Groot, 1926, с. 15, 123. Таърихи хуннҳо ва муносибати онҳо бо ҳамсоягони худ дар бисёр асарҳо тадқиқ шудаанд. Масалан, ниг.: Mc Govern W.M., 1939, p. 116-129; Бернштам А.Н., 1951, с. 57-71; Гумилев Л.Н., 1960 б, с. 63–94; зидди йуҷиҳо «вендетта» кардани усуниҳо, ба ақидаи баъзе муаррихони ҳозира, дурӯғи маҳз аст, ки дар солномаҳои Хитой зикр шудааст ва ягон асоси таърихӣ надорад (Pulleyblank E.G., 1970, p. 158–159).

[6] Оид ба тавзеҳи тадқиқоти олимони Япония ниг.: Haloun G., 1937, s. 246-249.

[7] Рерих Ю.Н., 1963, с. 120.

калимаи онҳо таҷдиднамудаи «сакаравака» (яъне «сакоиҳои тезҳаракат»)[8] пайдо шудааст.

Инак гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст менамоем:

| **Страбон** | **Помпей Трог** |
|---|---|
| Асиҳо | Асиҳо |
| Пасианҳо (асианҳо) | Асианҳо |
| Таҳориҳо | Тахориҳо |
| Сакараулҳо (=сакараукҳо) | Сараукҳо (=сакарукҳо) |

Акнун ба маъхазҳои хитоӣ муроҷиат мекунем. Дар онҳо усуниҳо, сэ ва дайуҷиҳо номбар шудаанд. Этноними «усуни» дар забони миёнаи хитоӣ бояд *Uosuən ва дар забони қадимаи хитоӣ бояд *Oswən талаффуз мешуд. Аксар вақт чунин ақида ҳам изҳор мегардид, ки усуни ин ифодаи асиҳо ба хитоӣ аст, масалан, А.Н.Бернштам[9] ин ақидаро қатъиян тарафдорӣ мекард. Дар ин ҷо ғайр аз шабоҳати садоӣ мувофиқати маъхазӣ низ ҷой дорад – мувофиқи маъхази хитоӣ усуниҳо йуҷиҳоро торумор карданд, мувофиқи Помпей Трог бошад, асиҳо шоҳони тахориҳо сакараукаҳоро аз байн бурданд.

Вале асли масъала он қадар саҳл нест. Маъхазшиноси номӣ И.Маркварт имконпазирии чунин шабоҳатро сахт танқид карда буд.[10] Г.Халоун ҳам ҳаққонӣ қайд мекунад, ки аз рӯйи маъхазҳои хитоӣ усуниҳо дар худи Ҳафтрӯд ва Тиёншон мондаанд ва ягон ишорате нест, ки онҳо ба ҷануби Осиёи Миёна ҳаракат кардаанд, ҳол он ки асиҳои муаллифони қадим яқинан ба ҷануб кӯчидаанд. Бинобар ҳамин вай муодилаи усуниҳо = асиҳоро «баҳснок»[11] меномад. Бояд гуфт, ки ба ақидаи мутахассиси барҷастаи лингвистикаи таърихии Хитой Э.Пуллейблэнк муодилаи усуниҳо = асиҳо (ё асианҳо) аз нуқтаи назари таърихии лингвистӣ ҳам беасос аст[12]. Хуллас, иддаои як будани усуниҳову асиҳо (асианҳо), ки дар адабиёт, аз ҷумла, дар адабиёти махсус низ вомехӯрад, танҳо тахминест, ки асоси казоӣ надорад.

Дар бобати сэ ҳаминро гуфтан даркор – дар даврае, ки аз он сухан меравад сэ бояд «сэк» талаффуз мешуд. Алҳол ҳама эътироф мекунанд, ки сэ ҳамон сакоиҳои маъхазҳои форсии қадим ва антиқӣ мебошанд.

Бармегардем ба сари қаҳрамони асосии ин драмаи таърихӣ – ба сари йуҷиҳо. Дар бораи дар давраҳои қадим чӣ гуна талаффуз шудани ин ном дар байни синологҳо як фикри ягона нест. Пештар мегуфтанд, ки ин ном ngiŋt-tsie ё ngiwât-tia талаффуз карда мешуду барои хитоиҳо got-ti, gut-ti, geti барин номҳои аҷнабиро ифода менамуд[13]. Алҳол Пуллейблэнк исбот мекунад, ки ин тавзеҳ нисбат ба давраҳои сонӣ дуруст аст ва дар он давраҳое, ки йуҷиҳо ба доираи

[8] Дар ин бора ниг.: Литвинский Б.А., 1960 б, с. 92-93 (дар ҳамон ҷо адабиёти оид ба ин масъала), вале дигар ақидаҳо ҳам ҳастанд. Масалан, Э.А.Грантовский дар Конференсияи байналхалқӣ оид ба проблемаи Кушониён дар Душанбе (соли 1968) баромад карда, гуфта буд, ки «сакаравака»-ро «сакоиҳои сафед» хондан даркор.

[9] Бернштам А.Н., 1947 а, с. 43.

[10] Marquart J., 1901, s. 204, Anm. 5.

[11] Haloun G., 1937, s. 252–254.

[12] Pulleyblank E.G., 1961 a, p. 29.

[13] Maenchen–Helfen O., 1945, p. 77.

назари маъхазҳои хитоӣ афтиданд, номи хитоии онҳо Ywati барин ягон номеро бояд инъикос мекард[14].

Ҳамаи ин нозукиҳои забонӣ аҳамияти калон дорад. Вобаста ба он ки номи «йуҷӣ» дар қадим чӣ гуна талаффуз карда мешуд, онҳоро ба ин ё он халқе, ки аз маъхазҳои антиқӣ маълум мебошанд, нисбат медиҳанд.

Аз нимаи аввали асри XIX чунин тахмине ҳам ҳаст, ки йуҷиҳо ин массагетҳо мебошанд. Аз олимони советӣ С.П.Толстов яке аз пешгузорандагони ин тахмин аст.

С.П.Толстов чунин фарзияи О.Франкеро ба асос мегирифт, ки аз Осиёи Миёна ба шимолу шарқ кӯчидани як қисми массагетҳо факти баҳснопазир мебошад, ҳол он ки аслашро гирем, ин иддао ягон далели қатъӣ надорад. Чун дар он давра гӯё аниқ муқаррар шуда буд, ки «йуҷиҳои кабир» бояд дар қадим «гватҳои (ё гатҳои) кабир» талаффуз мешуданд, С.П.Толстов номи «массагетҳо»-ро «гетҳои кабир» таъбир намуд ва дар ҳамин асос даъво кард, ки йуҷиҳо худи ҳамон массагетҳо мебошанд[15]. Асоси ин даъво нуктаҳои ғалату беасос мебошанд. Бо вуҷуди ин, С.П.Толстов ба миён омадани дигар хел таъбиру тафсирро бидуни мулоҳиза имконнопазир донистааст.

Дар «Таърихи халқи тоҷик» ақидаи тарафдорони муодилаи йуҷиҳо=массагетҳо муфассал зикр гардида, дар айни ҳол, қайд карда мешавад, ки дар байни олимони советӣ, аз ҷумла, И.И.Умняков,[16] муқобилони ин ақида ҳам ҳастанд. Дар омади гап гуфтан лозим, ки этимологияи дурусти калимаи «массагетҳо» то ба ҳол муайян нашудааст.

Пештар И.Маркварт, ҳозир Э.Пуллейблэнк чунин тафсирро ба ҳақиқат наздик мешуморанд, ки талаффузи қадимии йуҷиҳо (Ywati) номи қабилаи ятиҳо мебошад, ки Птолемей (VI, 2) онҳоро ҳамсояи тахориҳо гуфтааст[17].

Номи тахориҳоро бошад, баъзан бо номи сарзамини Даван алоқаманд мекунанд. Дар аҳди қадим ин ном ба хитоӣ бояд dá'iwan талаффуз карда мешуд, ки он, эҳтимол, номи маҳаллии *Taxwar (тахор)-ро[18] ифода менамуд. Дар адабиёти таърихӣ чунин ақида мақоми мустаҳкам дорад, ки Даван Фарғона аст. Ягон асосе нест, ки ин ақида дигар карда шавад ва он ҳама ҷидду ҷаҳде, ки ҳам пештар ва ҳам ҳозир ба мақсади кашидани Даван (ба тарафи Помир, ба тарафи Туркистони Марказӣ) карда мешавад, мутлақо эътибор надоранд.

Аз дигар тараф, ҳам муаллифони асрҳои IV ва ҳам муаллифони асрҳои минбаъда «йуҷиҳоро» мудом «тахор»[19] тарҷума кардаанд, ки ин ақидаи иртибот доштани тахору йуҷиҳоро бори дигар тақвият медиҳад.

Дар вақтҳои охир майли ба ҳамон гурӯҳҳои аҳолии Туркистони шарқӣ нисбат додани йуҷиҳо (ва тахорҳо) боз зӯр шуда истодааст. Аз авлоди асримиёнагии онҳо дастнависҳое ба мо расидаанд, ки ба ду забон навишта шуда ва он забонҳоро шартан «тахорӣ» номидаанд. Ин забонҳо ҳиндуаврупоӣ

[14] Pulleyblank E.G., 1966 a. s. 17–18.
[15] Толстов С.П., 1948 а, с. 242-245.
[16] Умняков И. И., 1940; 1946.
[17] Marquart I., 1901, s. 206; Pulleblank E.G.. 1966 a, p. 22.
[18] Pulleyblank E. G., 1966 a. p. 22.
[19] Рерих Ю. Н., 1943, с. 122.

бошанд ҳам, на ба забонҳои ҳиндӣ шабоҳат доранд ва на ба забонҳои эронӣ. Аз муҳаққиқони советӣ Ю.Н.Рерих ва В.В.Иванов[20] моили ин ақидаанд.

Олими Япония К.Еноки ҳамаи ин мушкилотро бо роҳи зерин бартараф карданӣ шудааст. Вай ҳаминро ба асос гирифтааст, ки маъхазҳои антиқӣ ва хитоӣ худи ҳамон як воқеаро не, балки ду воқеаи пайдарпай – ду марҳалаи истилои Бохтарро инъикос кардаанд, яъне давраҳои аввали истилоро маъхазҳои антиқӣ ва давраҳои минбаъдаи истилоро маъхазҳои хитоӣ тасвир кардаанд. Дар ин сурат ҳоҷат нест, ки йуҷиҳо ба ягон халқи дигар, ки дар маъхазҳои антиқӣ зикр шудаанд, нисбат дода шаванд. К.Еноки мисли Г.Халоун таклиф мекунад, ки йуҷиҳо скиф шумурда шаванд. Вай тахмин мекунад, ки шомилони маданияти Пазирик дар сарзамини йуҷиҳо зиндагӣ мекарданд. «Ба ақидаи ман,– менависад К.Еноки,– йуҷиҳои асри севуми то милод аз рӯйи манзил ва иқтидори худ ба туркҳои асрҳои шашу ҳафт хеле монанд мебошанд ва он ҳодисае, ки чун кӯчи йуҷиҳо маълум аст, аслан кӯчи ин ё он гурӯҳи халқе аз ҷое ба ҷое не, балки васеъ шудани ҳудуди шарқӣ ва шимолии давлати йуҷиҳо буд».[21] Бояд гуфт, ки ҷиҳати лингвистии муодилаи йуҷиҳо=скифҳоро Э. Пуллейблэнк сахт танқид кардааст, дигар ҷиҳатҳои ин нукта ҳам асоси мустаҳкам надоранд.

Умуман, дар панҷоҳ соли охир ба туфайли тадқиқоти лингвистии олимони мамлакатҳои гуногун, аз ҷумла олимони советӣ, ҳалли масъалаи йуҷиҳо такони зӯре дид. Хеле маълумот ба даст омад. Бисёр тахмину назарияҳои мутақобил ба миён омаданд. Вале тамоми ин хабару маълумоту факту мушоҳидаҳо алҳол дар як манзараи муайян наҕунҷида истодаанд. Аз афти кор, ин гуна манзараи муайян дар оянда ба вуҷуд оварда мешавад.

Тамоми корҳои дар ин бобат шударо аз назар гузаронда бояд гуфт, ки дар ҳалли ин масъала аҳамияти мадракҳои археологӣ беш аз пеш афзуда истодааст.

Дар бобати роли муносибатҳои мутақобили хитоиҳою хуннҳою йуҷиҳо дар заволи Юнону Бохтар С.П.Толстов изҳори ақида мекунад, ки «...Умуман, аз тарафи «барбариҳо» истило шудани Бохтар ба сӯйи ҷануб, зидди душманони анъанавии худ ҳаракат кардани қабилаҳо, пеш аз ҳама, ҳаракат кардани қабилаҳои назди Арал аст»[22]. Ба фикри мо ҳам, маҳз ҳодисаҳое, ки дар маҳалҳои дур аз Осиёи Миёна рӯй додаанд, ҳақиқатан, боиси он гардидаанд, ки ба ноҳияҳои шимолии Осиёи Миёна урдуи мутааддиди кӯчманчиён – йуҷиҳо зада даромаданд ва дар навбати худ дигар қабилаҳову халқҳои кӯчманчии Осиёи Миёнаро ба ҳаракат оварданд. Ҳамин тариқ, гӯё реаксияи мусалсал ба амал омад. Вале реаксияи мазкур, метавонист фақат ба ҳамин шарт ин қадар бо шиддат ҷараён ёбад, ки агар ташбеҳи болоиро бори дигар кор фармоем – дар «деги» вазъият «массаи критикӣ» ба вуҷуд омада буд.

---

[20] Дар ҳамон ҷо, с. 122-125; Иванов В. В., 1967.
[21] Enoki K., 1959, p. 227-232.
[22] Толстов С.П., 1948 а, с. 245.

### Ҳамлаи қатъӣ ба Юнону Бохтар

Соли 206 пеш аз милод, даҳҳо сол қабл аз он, ки йуҷиҳо ба хоки Осиёи Миёна дохил шуданд, дар сарҳадҳои давлатии Юнону Бохтар аллакай урдуҳои сершумори кӯчманчиён меистоданд. Таназзули минбаъдаи давлати мазкур, аз афти кор, боиси мудом аз даст рафтани ноҳияҳои шимолии он гардид. Ба муносибати ҳаракатҳое, ки аз дахолати йуҷиҳо ба амал омаданд, ба Юнону Бохтар ҳуҷуми қатъӣ сар шуд. Мо намедонем, ки ин воқеа ҳақиқатан чӣ гуна ҷараён дошт. Яке аз тахминҳои имконпазир (ки мисли тамоми дигар тахминҳо бисёр ҷойҳои суст дорад) чунин аст: сакоиҳо аз тазйиқи йуҷиҳо гурехта, аз гузаргоҳҳои кӯҳистони Туркистони шарқӣ ва Помир гузашта, ба Ҳиндустони шимолу шарқӣ омаданд[23]. Сакараукҳое, ки дар маҷрои миёнаи Сир маскун буданд, Суғдро истило намуда, аз он ҷо ба воҳаи Марв дохил шуданд ва ба ҷануб ба тарафи Сакистон (Систони ҳозира) ва Ҳиндустони шимолу ғарбӣ ҳаракат карданд. Иттиҳодияи калони тоифаҳо аз атрофи Фарғона (тахорҳо?) ва аз Ҳафтрӯд, инчунин дигар фавҷи кӯчманчиён аз назди Арал ба ҷануб – ба тарафи Бохтар раҳсипор шуданд.

Сафири Хитой Чжан-Сян соли 128 пеш аз милод тавонистааст қайд кунад, ки йуҷиҳо Даҳя, яъне Бохтарро истило карданд, вале дар он вақт қароргоҳи сардори йуҷиҳо дар шимолтари Аму воқеъ буд[24]. Аз афти кор, дар марҳилаҳои аввал волиёни вилоятҳои Бохтар ба йуҷиҳо фақат итоати вассалиро ба гардан гирифтаанд, вале сонитар, баъди ба ҷануб ҳаракат кардани лашкари йуҷиҳо маъмурияти йуҷиҳо низ таъсис ёфтааст.

Эҳтимол, ҳақ ба ҷониби А.К.Нарайн аст, ки навишта буд: ба давлати Юнону Бохтар бо роҳҳои гуногуни амалиёт халқҳои гуногун дар вақтҳои гуногун ҳамла кардаанд[25]. Дар натиҷа Юнону Бохтар суқут ёфт. Дар охири асри II–нимаи аввали асри I охирин мулкҳои волиёни Юнону Бохтар истило гардида, барҳам дода шуданд.

Ба ҳамин тариқ, бархилофи Порт, ҳамлаи кӯчманчиён боиси тамоман завол ёфтани давлати Юнону Бохтар гардид.

## 2. ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ II–I ПЕШ АЗ МИЛОД

### Бохтар ва Суғд

Аз тарафи йуҷиҳо истило шудани Бохтар боиси минбаъд пароканда ва ғайримутамарказ шудани он гардид. Вақтҳои аввал дар ҳар як шаҳр ва маҳалҳои атрофи он ҳоким менишаст. Ин тарзи идора аз замонҳои давлати Юнону Бохтар монда буд. Маъхазҳои хитоӣ хабар медиҳанд, ки дар ихтиёри ҳокими йуҷиҳо панҷ вилоят вуҷуд дошт. Баъди ба Даҳя – Бохтар кӯчидан «хонаводаи йуҷиҳо ба панҷ хонаводаи ҳокимон тақсим шуд»[26]. Ин матн

[23] Литвинский Б.А., 1960 а, с. 8-11.
[24] Бичурин, II, с. 151-152.
[25] Narain A.K., 1962, p. 138.
[26] Бичурин, II, с. 184, 227.

далолат мекунад, ки тақсимоти территориявии йуҷиҳо ба принсипи авлоду қабилавӣ асос ёфтааст ва ин принсип дар байни кӯчманчиёне, ки баъдҳо ҳам ба Осиёи Миёна омадаанд, бисёр дучор мешавад.

Волиёни ин вилоятҳо унвоне доштанд, хитоиҳо онро бо калимаи «хи-хэу» (талаффузи қадимияш ŋheap-goh) ифода кардаанд. Қариб шакке нест, ки ин худи ҳамон унвон мебошад, ки баъдҳо дар тангаҳои Кушониён ба намуди yavyga ба назар мерасад ва сипас, ба туркҳо ба шакли «ябғу» гузаштааст. Ба ақидаи Г.Бейли, баромади унвони мазкур форсӣ ва маъонияш бояд «сардор» бошад.[27]

Тартиби реалии воқеаҳое, ки дар асрҳои II–I пеш аз милод ҷараён ёфтаанд, амалан маълум нестанд. Ягона маълумоте, ки мо дорем, аз тадқиқи материалҳои нумизматӣ ва археологӣ ба даст омадаанд.

Эҳтимол, баъди заволи давлати Юнону Бохтар ҳам, дар сарзамини Бохтар обола ном пули майдае дар муомилот буд, ки рӯяш расми подшоҳи Юнону Бохтар – Евкратидро дошт. Тангаҳое, ки дар ҷануби Тоҷикистон ёфт шудаанд, далолат мекунанд, ки ин тангаҳо дар замони йуҷиҳо ҳам, яъне дар охири асрҳои II–I пеш аз милод бароварда мешуданд. Зотан ин тангаҳо айнан ба намуди тангаҳои худи Евкратид сикка зада мешуданду фақат навиштаҷоти онро андак дигар мекарданд. Тахмин меравад, ки аз ин хел тангаҳо чанд намуд бароварда шудааст (онҳо аз Ҳисор ва Қубодиён ёфт шудаанд)[28].

Дигар тангаҳо низ хеле муҳиманд, ки ба намуди тангаҳои яке аз охирин подшоҳони Юнону Бохтар Гелиокл бароварда шудаанд. Баъзе аз ин тангаҳо ба тангаҳои Гелиокл қариб айнан монанд аст, дар баъзе дигари онҳо сурати асп ҳаст, ки дар тангаҳои Гелиокл набуд. Тангаҳои сурати аспдор тангаҳои давраи сонӣ мебошанд ва, аз афти кор, аз ягон дигаргуниҳои сиёсӣ ва шояд аз кӯшишҳои марказонии ҳокимият дар асри I пеш аз милод далолат менамоянд. Ин тангаҳо дар водиҳои Сурхандарёву Ҳисор[29] ва дар ноҳияи Фархори Тоҷикистон ёфт шудаанд.

Дар Суғд ҳам ба тақлиди тангаҳои Юнону Бохтар сикка мезаданд. Вале чун намуна тетрадирҳамҳои Евтидем истифода мешуд. Як қисми ин тангаҳо ба нусхаи қадимии аслӣ монананданд. Эҳтимол, дар нимаи дувуми муддати мавҷудияти давлати Юнону Бохтар сикка зада мешуданд (ва дар муомила буданд), яъне дар ҳамон даврае, ки Суғд, мумкин аст, аз зери ҳокимияти Юнону Бохтар аллакай озод шуда буд. Дигар навъ тангаҳо, ки аз нусхаи аслӣ хеле фарқ доранд, эҳтимол, баъди суқути Юнону Бохтар сикка зада мешуданд. Ин тангаҳо, аз афти кор, ба воҳаи Бухоро тааллуқ доранд.[30]

Ғайр аз ин дар Суғд (ва қисман дар Бохтар) дигар тангаҳо ҳам дар муомилот буданд. Тангаҳое, ки дар паси он сурати камонгар сабт шудааст, ҷолиби диққат мебошанд; бо хатти юнонӣ номи шоҳи Селевкиён Антиох навишта шудааcту вале дар рӯйи танга расми Антиох не, балки расми волии маҳаллӣ нақш ёфтааст. Ин гуна тангаҳо аз Тали Барзуи қарибии Самарқанд ва аз Панҷакент ёфт шудаанд.

---

[27] Дар ин бора ниг.: Литвинский Б.А., 1967 б, с. 36.
[28] Манделштам А. М., 1966 в.
[29] Массон В.М., 1957 б.
[30] Массон В. М., 1954.

Тангаҳое, ки дар онҳо номи Гиркод сабт шудааст, хеле бисёранд ва хатти онҳо қисман юнонӣ ва қисман суғдӣ мебошанд. Р.Гиршман таклиф мекунад, ки навиштаҷоти юнонии баъзе тангаҳо ин тавр хонда шавад: «[Тангаи] Гиркод [писари] Ардетри сакараук». Дар сурати суғдӣ будани навиштаҷот номи мазкурро Артадр (ё Аратадр) ва сакараукро «сакараг» хондааст.[31] Дар асоси ин тавр хондани навиштаҷоти тангаҳо Р.Гиршман иддао мекунад, ки Суғдро маҳз сакараукҳо ишғол кардаанд ва дар он маскан гирифтаанд ва зотан, аз ҳисоби сарвати ин вилояти бой иқтидори онҳо хеле афзудааст. Вале худи ин тавр хондани навиштаҷоти тангаҳо боиси шак аст.

Дар поёноби Кофарниҳон (водии Бешкент) ва дар маҳалли Бобошоб (дар соҳили чапи Аму, дар байни истгоҳи Тошработ ва Муқрӣ) сағонаҳои калони кӯчманчиён кашф шудаанд. Онҳо андак дуртар аз воҳаҳои муқиминишини зироаткор, дар маҳалҳои нимбиёбон, вале дар қарибии чоҳу чашмаҳо воқеъ гардидаанд. Сағонаҳо берун аз ҳудуди заминҳои обӣ воқеъ гаштаанд. Ба ҳамин тариқ, мавқеи онҳо нисбат ба тамоми воҳаҳо гӯё як навъ мавқеи ҳукмрониро дорад. Аз дигар тараф, сағонаҳо дар мобайни убургоҳҳои Аму ҷой гирифтаанд. Ҳамаи ин чунин нуктаро тақвият медиҳад, ки дар замони ба ноҳияҳои шимолии Бохтар кӯчидани одамон, шумораи зиёди мардум ба тарзи ҳаёти нимкӯчманчигӣ гузашта буданд.

Аз сағонаҳое, ки дар водии Кофарниҳон тадқиқ шуданд, материали фаровон– аслиҳа (пайкон, ханҷар ва ғ.), асбоби зинат (аз ҷумла, тиллоӣ), сафолот ва ғ.[32] ба даст омаданд. Аксари ин ашё, бешак, аз аҳолии маҳаллии муқимӣ гирифта шудааст, масалан, асбобҳои сафолии хоси бохтариҳо ва ғ. Ин далолат мекунад, ки ба туфайли таъсири мадании аҳолии маҳаллӣ бисёр унсурҳои маданияти Бохтар дар маишати кӯчманчиёни истисморгар бо суръату вусъат ҷорӣ гардид. Ҳафриёт маълум кард, ки навомадаҳо мувофиқи намуди антропологии худ ба сокинони ноҳияҳои шимолии Осиёи Миёна – ба сакоиҳо ва усуниҳои Ҳафтрӯду Назди Арал хеле қаробат доранд ва зимнан таъсири антропологии муғулсимоҳо ҳам возеҳ ба назар мерасад.[33] Вале эҳтимол дорад, ки ин ёдгории бегонагон не, балки ёдгории аҳолии кӯчманчии Бохтар бошад (фарзияи Б.А.Литвинский).

Сағонаҳои кӯчманчиёни навомада дар Суғд ҳам тадқиқ шудаанд. Масалан, сағонаҳои Қӯймазор ва Лавандак аз ҳамин қабиланд[34]. Аҳамияти таърихию мадании ин сағонаҳо ба аҳамияти сағонаҳои Бохтар қариб баробар аст. Дар ин ҷо, яъне дар Суғд ҳам навомадаҳо аз маданияти аҳолии маҳаллии муқимӣ баҳравар шудаанд.

---

[31] Ghirshman K., 1946, p.111-115; Массон В. М., 1955, с. 42-43; ИТН, I, 1063, с. 34-347. Дар бораи мушкилоти хондани навиштаҷоти суғдии тангаҳои ин давра ниг.: Henning W.B., 1958, s.26.

[32] Манделштам А.М., 1966 а; 1975. Дар солҳои охир бо ҳафриёти қӯрғонҳои водии Бешкент (ноҳияи Шаҳритузи РСС Тоҷикистон) яке аз отрядҳои Экспедитсияи археологии ҷануби Тоҷикистон машғул аст, ниг.: Медведская И. Н., 1976).

[33] Кияткина Т. П., 1955, с. 6, 8; 1976, с. 86-125.

[34] Обелченко О. В., 1956, 1961.

## Давлати қадимии Фарғона – Даван

Дар маъхазҳои хитоии асрҳои II–I пеш аз милод Даван ном як кишвари васеи пурсарвати серодам тасвир шудааст. Аксарияти куллии муҳаққиқон – ҳам русҳо ва ҳам хориҷиён Даванро дар Фарғона ҷой медиҳанд. Муаммо дар ҳамин, ки баромади калимаи «Даван»-ро, ки ба калимаи «Фарғона» ҳеҷ монандӣ надорад, чӣ хел шарҳ додан мумкин бошад. Умуман, калимаи «Даван» то асри III пеш аз милод дучор меояд. Баъд номҳои «Бохан» ва «Полона» ба назар мерасанд ва зимнан ишорат меравад, ки ин ном муродифи «Даван»-и қадим аст. Шубҳае нест, ки Полона транскрипсияи хитоии калимаи Фарғона мебошад[35]. Дар бобати Даван бошад, чи тавре дар боло ҳам қайд кардем, чунин ақида пешниҳод шудааст, ки хитоиҳо зери номи Даван кишварероо дар назар доштанд, ки номи он бо номи тахорҳо (Taxwar) алоқаманд аст.

Мувофиқи маълумоте, ки дар охири асри II пеш аз милод аз Хитой дастрас шудааст, аҳолии Фарғона 300 ҳазор нафар будааст. Вале дар он вақт рӯйхатгирии аҳолӣ набуд ва инчунин усулҳои тақрибан муайянкунии шумораи аҳолӣ низ вуҷуд надошт. Ба ин сабаб рақами мазкур маҳсули хаёли сайёҳ аст, на хабари аниқу дақиқ. Дар Даван бисёр шаҳру деҳаҳои калон будааст (сарчашмаҳо 70 номгӯйро додаанд). Шаҳри асосии Даван – Аршӣ будааст.

Ривоят мекунанд, ки «мардум чашмони чӯкида ва риши ғуллӣ доранд, дар тиҷорат моҳиранд... Занонро ҳурмат мекунанд. Зан чизе гӯяд, шавҳар ҳақ надорад, онро иҷро накунад»[36].

Даван чун мамлакате тасвир шудааст, ки хоҷагии қишлоқи мутараққӣ дорад. Дар ин ҷо токзорҳои калон будааст. Шаробе мекашидаанд, ки даҳҳо сол нигоҳ медоштаанд. Юнучқа мекиштаанд (номашро алафи «му-су» гуфтаанд).[37]

Хусусан, аспҳои Фарғона машҳур будаанд. Масалан, дар байни онҳо арғумоққое будаанд, ки ҳар як ашрофзодаи мамлакатҳои ҳамсоя орзу мекард, соҳиби чунин аспе шавад. Хитоиҳо, алалхусус, дар орзуи он аспҳои Фарғона буданд, ки «хун метаровиданд». Онҳо ин аспҳоро аспҳои илоҳӣ меномиданд ва итминон доштанд, ки савори ин гуна асп ба «абадистон» расидан мумкин аст. Хусусан, императори оли ханҳо Ву-ди, ки шабурӯз илоҷи ҷовид шуданро меҷуст, мудом орзу мекард, ки соҳиби чунин аспҳои хунтаровиш шавад. Ин аспҳои Фарғона дар Хитой, ҳатто мавриди парастиш шуданд. Кор ба дараҷае расид, ки шоирон дар ҳаққи ин аспҳо қасидаҳо гуфтанд. Лекин ин аспҳо ба қасида не, балки ба муолиҷа муҳтоҷ буданд, хун таровидани ин аспҳо, ки ба назари хитоиҳо қудрати илоҳӣ менамуд, аслан аз газидани кирму кана хуншор шудани пӯст буд.

Императорҳои Хитой мекӯшиданд, ки Даванро тасхир намоянд. Халқи Даван ба муқобили истилогарон дар муддати солҳо ҷанги вазнини хунин бурд. Соли 104 пеш аз милод ба Даван 60 ҳазор лашкари савора фиристода шуда,

---

[35] Мувофиқи анъанаи маъхазҳои хитоӣ P'o-lo-na дар сарчашмаҳои солҳои 436-437 дучор мешавад (Pelliot P., 1934, p. 41).

[36] Бичурин, II, с. 161-162, 188.

[37] Дар ҳамон ҷо, с. 161-162, 186-188.

илова бар он ба мадади онҳо, чӣ тавре сарчашмаи хитоӣ менависад, «даҳҳо ҳазор ҷанговарони ҷавони хитоӣ» дода шуд. Ин лашкари сершумор шикаст хӯрда, ба мақсад нарасид ва боқимондаи ночизи он қафо гашт. Баъди ин ба Даван бори дувум ҳуҷум карданд, ки дар он лашкари шастҳазорӣ ва даҳҳо ҳазор мададгорон ширкат доштанд. Фарғонагиҳо зери роҳбарии шоҳи худ Муғия зидди истилогарон фидокорона ҷангиданд. Гарчанде дар ин муҳориба бисёр фарғонагиҳо ҳалок шуданд ва худи Муғия бо роҳи хиёнат кушта шуд, истилогарон Даванро гирифта натавониста, маҷбур гардиданд, ки ақиб раванд. Барои таъмини идомаи сиёсате, ки Муғия мебурд, баъди вай додарашро ба тахт шинонданд.[38]

Ба ҳамин тариқ, халқи Фарғона бо мадади дигар халқҳои ҳамсояи Осиёи Миёна истилои оли Ханҳоро рафъ кард ва истиқлоли худро нигоҳ дошт.

### Халқҳо ва ноҳияҳои шимолӣ

Яке аз халқҳое, ки дар мушкилӣ дастгири фарғонагиҳо шуд, канғуйҳо буданд (талаффузи қадимиаш khan-kiah). Дар сарчашмаҳо Канғуй муфассал тасвир шудааст. Аз як тараф Канғуй бо Даван, яъне Фарғона, ҳамсарҳад буд ва зоҳиран, ин сарҳад аз ҷанубу шарқ мегузашт. Дар ҷануб ҳудуди Канғуй бо мулки йуҷиҳо мепайваст. Дар шимолу ғарб сарзамини Канғуй то Ян-сай, яъне то хоки қабилаҳои сармату олони Назди Арал тӯл мекашид ва ин қабилаҳо тобеи Канғуй буданд.[39]

Худи канғуйҳо киҳо буданд? Маркази сарзамини беканори онҳо дар куҷо буд? Ақидаи С.П.Толстов, ки мувофиқи он Канғуй ва Хоразм як чизанд, дар илми таърихшиносӣ хеле маъмул буд ва муддати дароз баҳснопазир дониста мешуд.[40] Вале тадқиқи муфассали сарчашмаҳо ва натиҷаи тадқиқотҳои навтарин нишон доданд, ки бисёр фактҳо муқобили ин ақида мебошанд.

Чарогоҳи канғуйҳо, эҳтимол дар лаби Сир воқеъ буда, қароргоҳи ҳокимони онҳо дар қарибиҳои Тошканд ҷой дошт. Ба ҳамин тариқ, маркази Канғуй дар маҷрои миёнаи Сир буд. Аз ин ҷо маълум, ки чаро канғуйҳо ба мадади фарғонагиҳо омада, зидди хитоиҳо ҷангиданд. Хоразм бошад, дар як гӯшаи дурдасти сарзамине воқеъ буд, ки ба Канғуй итоат мекард.

Нисбати этникии канғуйҳо мавриди баҳси олимон қарор гирифтааст. Ақидае ҳаст, ки онҳо турк мебошанд. Баъзеҳо исбот мекунанд, ки канғуйҳо аз мардумони тахоризабонанд. Вале дурусташ ҳамин, ки онҳо аз мардумони эронизабон буда, авлоду ворисони сакоиҳои Сир мебошанд.

Сарчашмаҳо канғуйҳоро «аҳли кӯчӣ» номидаанд. Инчунин ривоят меравад, ки мувофиқи урфу одат Канғуй «айнан бо Янсай як аст». Вале дар Янсай «мардум андаруни чордевори кулӯхӣ зиндагӣ мекунанд». Дар ҳақиқат, дар ҳудуди Канғуй манзилгоҳҳо хеле бисёр буданд».[41]

Аз рӯйи маъхазҳои хаттӣ маълум мешавад, ки Канғуй иттиҳоди тавонои давлатӣ буд. Дар айни авҷи тараққиёти худ дар асри I пеш аз милод 120 ҳаз.

---

[38] Бичурин, II, с. 163; I, с. 162-167 б, с. 350-351.
[39] Бичурин, I, с. 150, 165. 166, 229.
[40] Толстов С. П., 1948 а, с. 20-26.
[41] Литвинский Б. А., 1968.

лашкар дошт. Канғуй сиёсати мустақилонаи хориҷиро пеш мебурд ва ба ҳамсояҳои худ дар муборизаи онҳо зидди истилогарони аҷнабӣ мадад мерасонд. Дар замони осоишта ҳам Канғуй ба намояндагони оли Ханҳо равшан нишон медод, ки оли Ханҳоро заррае писанд намекунад ва онҳо маъюсона хабар мекашиданд, ки «Канғуй... сарбаланд ва саркаш аст».[42]

Таърихи минбаъдаи Канғуй равшан нест. Ҳанӯз дар соли 270 пеш аз милод вай ба мамлакатҳои хориҷи Осиёи Миёна ҳайатҳои сафорат мефиристондааст. Баъдтар Канғуй тамоман аз қувват монда, ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил мешавад.

Тадқиқоти археологии маҷрои миёнаи Сир нишон дод, ки дар ин ҷо сағонаву бошишгоҳҳо бисёранд. Аввалин бошишгоҳе, ки тадқиқ шуд (аз тарафи Г.В.Григорйев), бошишгоҳи Қавунчии назди Янгийӯл буд. Дар паҳлуи ин бошишгоҳ сағонаи Ҷуно воқеъ гардидааст. Археологҳо маданияти маҷрои миёнаи дарёи Сирро, ки дар асрҳои охири пеш аз милод ва асрҳои аввали милод вуҷуд дошт, маданияти Қавунчию Ҷуно меноманд. Доираи ин маданият баъдҳо вусъат ёфта, то ба кӯҳҳои Қаромазор ва Самарқанд расид. Ана ҳамин маданият маҳз маданияти Канғуй мебошад. Мувофиқи пайдоиши худ ин маданият, бешак, маданияти маҳаллӣ аст. Аз рӯйи мадракҳои бостоншиносӣ маълум шуд, ки дар байни бутҳои канғуйҳо Фарн ном буте низ будааст, ки ба қатори бутҳои дини зардуштӣ медарояд. Ин бут ҳофиз ва ҳомии ҳам ҳокимон ва ҳам парастори рӯзгору оилаву саломатӣ мебошад. Баъзан ин бут ба намуди гӯсфанд муҷассам карда мешуд. Маҳз ба ҳамин сабаб аҳли Канғуй дастаи зарфҳои худро ба шакли ягон ҳайвон – дар ин сурат, ба шакли гӯсфанд месохтанд (боқимондаҳои ин тасаввурот дар байни тоҷикон дар рӯзҳои мо ҳам ба назар мерасанд)[43].

Усун (талаффузи қадимиаш *O-swən) иттиҳоди калони қабилаҳоест дар шимолу шарқи Осиёи Миёна ва Туркистони шарқӣ. Мувофиқи ривояте усунҳои аввал дар Муғулистон сокин шуда, баъд ба ғарб кӯчидаанд. Ҳокими усунҳо Кунмо ном дошт (кун-бағ «сардори қабилаҳо»). Ривоят ҳаст, ки усунҳо дар Муғулистон зиндагӣ мекардаанд ва Кунмо Нан-доу-ми ҳокими онҳо будааст. Баъдтар ба усунҳо йуҷиҳо ҳамла карданду Нан-доу-ми кушта шуд ва усунҳо ба хоки хуннҳо кӯчиданд, ки шояд хуннҳо онҳоро тарафгирӣ кунанд (мувофиқи як варианти дигар хуннҳо худашон сардори усунҳоро куштаанд). Аз Кунмои кушташуда як писарчаи навзод мондааст. Боре парастори ин писарчаи навзод «кӯдакро парпеч карда, мобайни алафҳо монду худаш рафт, ки қути лоямуте пайдо кунад. Гашта омада дид, ки модагурге ба кӯдак сина медиҳад ва зоғе пораи гӯшт дар минқор болои онҳо чарх мезанад. Парастор пиндошт, ки ин кӯдак бут аст ва ӯро боэҳтиёт бардошта, ба назди хуннҳо бурд. Ба шанюйи хуннҳо ин писарак писанд омад ва ӯро ба тарбият гирифт. Вақте Кунмо ба балоғат расид, шанюй раияи падарашро ба ихтиёри вай дод ва сардори лашкар таъйин кард. «Кунмо қувват гирифта, дар охири охирон ба

[42] Бичурин, II, с. 184-185.
[43] Григорев Г. В., 1948; Тереножкин А. И., 1950 6, с. 158-160; Мухторов А., 1966, с. 7; Литвинский С. А., 1968.

йуҷиҳо, ки ба ғарб кӯчида буданд, ҳуҷум кард ва қасоси падарашро гирифта, онҳоро торумор намуд»[44].

«Усунҳо на ба зироат машғуланд ва на ба боғдорӣ, балки бо чорвои худ ба куҷое, ки алаф бисёру об бошад, кӯчманчигӣ мекунанд» – мегӯяд сарчашма. Дар асри I пеш аз милод хитоиҳо тахмин кардаанд, ки шумораи усунҳо аз 600 ҳазор беш аст. Ин кишвар яке аз зӯртарин кишварҳои Осиёи Миёна буду Хитой дар назди он тамаллуқ мекард. Мақоми намояндагони ашроф баланд буд. Ба сарватмандии онҳо ҳамин як маълумот далолат мекунад, ки ҳар яки онҳо чорвои бешумор, аз як худи асп 4-5 ҳазор сар доштанд. Писарони болиғи Кунмо ҳар яке соҳиби мулки худ буд ва Кунмо ҳақ надошт, ки корҳои давлатиро танҳо худаш ҳал кунад.

Кунмои нав аз тарафи «оқсаққолон» ба тахт бардошта мешуд[45].

Охирин маълумот дар бораи усунҳо дар ҳисоботи Дун-Дин ном сафире ҷой дорад, ки соли 435 ба пойтахти усунҳо «Шаҳри Водии сурх» омада будааст, дар ҳамон вақт аварҳо усунҳоро сахт ба танг меовардаанд, баъдҳо усунҳо, умуман, истиқлолияти сиёсии худро аз даст додаанд[46].

Дар Тяншон ва дар Ҳафтрӯд бисёр сағонаҳои усунҳо кашф шудаанд[47]. Материале, ки аз ин кашфиёт ба даст омад, имкон дод таърих ва маданияти усунҳо аниқтар ва равшантар карда шавад. Фақат ҳаминро бояд қайд кард: сарчашмаҳои хаттӣ хабар медиҳанд, ки усунҳо аз шарқ омадаанд, вале ин хабарро бечунучаро қабул кардан лозим не. Аз афти кор, ба Осиёи Миёна қабилаҳои нисбатан камшумор кӯчида омадаанд. Қисми асосии иттиҳоди қабилаҳое, ки дар таърих бо номи «усунҳо» маъмул аст, ин худи ҳамон аҳолии маҳаллии сакоӣ мебошанд, ки баъдҳо трансформатсия шудаанд.

Маълум, ки усунҳо на фақат чорводорӣ мекарданд. Онҳо ҳунармандӣ ва зироатро ҳам медонистанд. Гуфтан мумкин, ки усунҳо ҳам, мисли сакоиҳо дар мавзеъҳои калони Туркистони шарқӣ маскун буданд.

## Порт. Ғалабаи Порт бар Рим

Иқтидори Порт дар аҳди Меҳрдоди II ниҳоят афзуд. Баъд аз сари вай (соли 88/7 пеш аз милод) кори Порт аввал омад накард. Дар ҳамин вақт Рим дар шарқ сиёсати ниҳоят таҷовузкорона мебурд. Ҳар ду тараф дарёи Фуротро хатти сарҳадди ду мамлакат муқаррар карданд. Вале амалиёти таҷовузкоронаи римиҳо ногузир портҳоро низ ба ҷангу ҷидол мекашид, алалхусус, ки портҳо ҳам феълу хӯи тез доштанд. Аввалин задухӯрдҳо соли 65 пеш аз милод шуд ва римиҳо ғалабаи комил ба даст оварданд.

Соли 54 пеш аз милод Рим ба юриши калони зидди Порт тайёрӣ дидан гирифт. Ба лашкари римиҳо Красс ном лашкаркаши машҳур сарварӣ мекард, вале Красс ҷойи муҳорибаҳоро мутлақо намедонист ва бо тактикаи портҳо шинос набуд. Қисми асосии лашкари портҳо бо сардории шоҳ Ороди II ба

---

[44] Бичурин, II, саҳ. 155-156. Оид ба таҳлили масъалаи пайдоиши усунҳо ниг.: Зуев Ю. А., 1960, с. 121-124; Pulleyblank E.G., 1970, p. 154-160.
[45] Бичурин, II, с. 190-198.
[46] Зуев Ю. А., 1960, с. 121.
[47] Воеводский М. В., Грязнов М. П., 1938; Бернштам А. Н., 1950; Кибиров А. К., 1959; Акишев К.А., Кушаев Г. А., 1963.

Арманистон дохил шуданд ва умед доштанд, ки лашкари Красс ба ин ҷо меояд. Вале Красс ба водӣ баромада, ба тарафи Байнаннаҳрайн раҳсипор шуд ва зимнан ба ҳисоб нагирифт, ки лашкари савораи портҳо маҳз дар водӣ хавфи зиёд дорад. Лашкари римиҳо аз Фурот гузашт ва лашкари портҳо қасдан ақибнишиниро вонамуд карда, бо фиреб душманро аз паси худ ба масофаи роҳи се-чоррӯза ба як маҳалли дурдасти хилват овард. Сарлашкари портҳо Сурона ба муҳориба нағз тайёрӣ дид. Ғайр аз дастаҳои муқаррарии аскарони савора вай ҳазор катафрактарий, яъне саворагони зиреҳпӯш дошт. Вай пешакӣ тири бешумореро захира кард.

9 майи соли 53 пеш аз милод дар қарибии шаҳри Карра портҳо ба лашкари римиҳо дарафтоданд. Пеш аз муҳориба садои мудҳиши нақораҳои ҷангии портҳо ба осмон печид. «Бо ин наъра ба дили римиҳо воҳима андохта,– менависад Плутарх (Марк Красс, 24),– портҳо ба якборагӣ чодар аз китф партофтанд ва дар пеши назари римиҳо чун алангаи оташ ҷилвагар шуданд – хӯду зиреҳи онҳо аз фӯлоди Мароға буду дар офтоб рахшида, чашмҳоро мебурд, аспони онҳо ҳам зиреҳи мисӣ ва оҳанӣ доштанд. Худи Сурона пеш баромад, ки марде буд қавиҳайкал ва хушсурат. Портҳо тез сафи сирак кашида, аз дур қариб нишон нагирифта (римиҳо чунон зич меистоданд, ки кас хоҳад ҳам тираш хато намерафт), римиҳоро тирборон карданд ва камонҳои калони зеҳсахти худро бо тамоми қувват қат карда, тирҳои ҷоншикор раҳо менамуданду зарбаҳои сахти кирой мезаданд. Дар чунин шароит ҳоли римиҳо табоҳ шуд...».

Красс инро дида беҳтарин қисмҳои лашкари худро бо сардории писараш ба ҷанг даровард. Портҳо нохост қафо гурехтанд. Вақте ки дастаи римиҳо портҳоро таъқибкунон хеле дур рафтанд, портҳо якбора, худи римиҳоро иҳота карданду ҳамаро аз дами теғ гузаронданд.

Лашкари римиён дар торикии шаб роҳи гурезро пеш гирифт, вале халос шуда натавонист. Дар ниҳояти кор аксари сарбозони римӣ кушта шуда, боқимондаашон асир афтиданд. Красс низ ҳалок шуд. Сари ӯро аз тан ҷудо карда, чун ғанимати ҷангӣ ба Ороди II оварда доданд[48].

Мувофиқи хабари баъзе маъхазҳо, римиёни асирро дар ноҳияи Марв маскун карданд. Дар ин ҷо легионерҳои Рим хонаву бачадор шуданд ва дар лашкари портҳо хизмат мекарданд (Горатсий, «Одаҳо», III, 5, 5). Як қисми онҳо, аз афти кор, ба тарафи шимолу шарқ рафта, дар Ҳафтрӯд сокин шуданд[49]. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои Нисо гуфта мешавад, ки аз сардорони тагма шароб қабул карда шуд ва зимнан номи он сардорон портӣ аст. «Тагма» бошад, калимаи юнонист, ки дар аҳди Рим маънои «легион»-ро дошт.

И.М.Дяконов ва В.А.Лившитс тахмин мекунанд, ки дар ҳуҷҷати Нисо шаробе қайд шудааст, ки аз легионерҳои сокини Порти шарқӣ омадааст[50]. Ин тахмин ҷолиби диққат аст, вале онро баҳснопазир гуфтан мумкин не, зеро, эҳтимол, ин истилоҳот дар рафти робитаи порту римиҳо ба забони портӣ дохил шуда бошад (шояд ин калима бевосита аз забони юнонӣ гирифта шуда бошад, ки он маънои «саф», «дастаи лашкар»-ро дошт).

---

[48] Тафсилоти инро ниг.: Бокщанин А. Г., 1949.

[49] Dubs H.H., 1957.

[50] Дяконов И. М., Лившитс В. А., 1966, с. 150-151.

Дар аҳди подшоҳ Покор соли 40 пеш аз милод портҳо, ҳатто Сурия ва Фаластинро тасхир намуданд. Осиёи Сағир ба онҳо мутеъ шуд. Рости гап, Рим дере нагузашта ин ҷойҳоро боз кашида гирифт. Вале муҳимаш ин не – муҳимаш ҳамин, ки дар асри I пеш аз милод Порт душмани тавонои Рим буд ва лашкари портҳо борҳо лашкари римиёнро торумор кард.

## 3. ДАВЛАТИ КУШОН

### Давраи аввали давлати Кушон

Дар Осиёи Миёна ва инчунин дар ноҳияҳои ҷануби он – то худи хоки шимолу ғарби Покистон бисёр вақт тангаҳое ёфт мешаванд, ки дар онҳо аз миён боло сурати марде тасвир шудаасту он мард дар сар пешонабанди подшоҳӣ – диадема дорад. Мӯйи сари мард мавҷ зада, хеле дароз шудаанду ҳатто гӯшҳояшро панаҳ кардаанд. Сурати аз миён болои мард ба доирае гирифта шудааст, ки аз доначаҳои арзанмонанди пайваста таркиб ёфтааст. Дар қафои танга сурати саворае менамояд, ки ба тарафи рост рафта истодааст. Дар миёни савор горити дароз (ғилофи камон) ҳамоил мебошад. Дар пушти сари савор олиҳаи зафар – Ника дар парвоз аст. Маълум, ки асп қадам мезанад, зеро пойи чапи пешашро бардошта истодааст. Савор болои зин озодона нишаста, ба тарафи нигаранда тоб хӯрдааст, ба ин сабаб тамоми танаш аз пеш баръало намоён буда, фақат сарашро андак гардондааст ва танҳо як бари рӯяш менамояд. Гарчанде танга ниҳоят хурд бошад ҳам, тамоми ҷузъиёти мӯйсару сарулибоси савор равшан намоён мебошад ва аз онҳо маълум, ки савор худи ҳамон подшоҳест, ки дар рӯйи танга тасвир шудааст. Дар атрофи танга ба юнонӣ иборае сабт гардидааст, ки аз чор калима иборат мебошад. Маънои калимаи якум «ҳоким» аст ва дар ин маврид ҳамон калимаи юнонӣ истифода шудааст, ки аз калимаи «тиран» бармеояд ва дар он давра ин истилоҳро нисбат ба ҳукмроне кор мефармуданд, ки мустақил набуд, яъне ҳокими олӣ набуд.

**Тангаи Герай (рӯяш)**



Калимаи дувумро аксар вақт «Герай» мехонанд ва онро номи хоси юнонӣ мегӯянд, ки аз номи олиҳаи Юнон – Гера пайдо шудааст. Баъзан дар адабиёт ин номро ба тарзи дигар ҳам мехонанд (масалан, «Миай» ҳам мехонанд). Хондани калимаи севум ҷойи баҳс надорад ва он ҳамоно «кушон» аст, калимаи чорумро аз афти кор, «санаб» хондан даркор. Ба ақидаи Е.А.Давидович, умуман хатти рӯйи танга бояд ин хел хонда шавад: «Ҳокими Герай кушони Санаб». Ба ақидаи муҳаққиқи ин тангаҳо нумизмат А.Н.Зограф, тангаҳои мазкур ба тангаҳои Евкратид шабоҳат доранд ва гуфтан мумкин, ки дар миёнаҳои асри I пеш аз милод сикка зада шудаанд[51].

Ганҷинаи тангаҳои калони нуқраи Герай дар маркази ноҳияи Вахш ёфт шуд, ки он дар илм аввалин ганҷинаи маълуми ин подшоҳ мебошад[52]. Ғайр аз ин Б.А.Литвинский чор дона тангаи хурди нуқраи Герайро аз димнаи Кушониён–Теппаи Шоҳ ва як донаи онро дар Тирмиз ва як донаи дигарро аз Кайқубодшоҳ ёфт. Дар баробари дигар бозёфтҳо ин бозёфтҳо ба мо ҳақ медиҳанд иддао намоем, ки тангаҳои Герай дар Бохтар ва, эҳтимол, дар Бохтари шимолӣ сикка зада мешуданд.

Маъхазҳои хаттӣ дар бораи касе, ки ин тангаҳоро сикка задааст, яъне дар бораи «ҳокими Герай» ягон маълумот намедиҳанд, ягона чизи маълуми ин подшоҳ калимаи «кушон» аст. Ва аз ҳамин калима равшан, ки шоҳи мазкур ба кадом сулола мансуб буд.

Доир ба ин масъала Е.А.Давидович навиштааст, ки калимаи «кушон» пеш аз номи сулолаву давлат пайдо шуда, аз тарафи дигар халқҳо эътироф шудани онро ҷудо аз маълумоти роҷеъ ба йуҷиҳо дида баромадан кори ғалат аст.

Аслашро гирем, дар маъхазҳои дар бораи панҷ қабила (ё қавми) йуҷиҳо маълумоти бевосита нест. Дар Хан-шу ва Хоу Хан-шу панҷ си-хоу (ябғу) зикр шудаанд. Ин ду маъхаз дар бораи панҷ си-хоу маълумот диҳад ҳам, маълумоти онҳо ба як андоза муфассал нест ва ҳатто ба назар гуногун ҳам менамояд, вале ҳар ду маъхаз баробар ба як андоза таҳрик менамоянд, ки ба ин муносибат ду масъалаи зеринро, ҳар якеро алоҳида-алоҳида, ба эътибор гирифтан зарур мебошад: 1) масъалаи нисбати панҷ мулку пойтахтҳои онҳо ва мақоми онҳо дар давлати Йуҷиҳои Кабир, 2) масъалаи этимологияи истилоҳи си-хоу ва минбаъд дигар шудани мазмуни он.

Чжан Сян, ки тахминан дар солҳои 130-125 пеш аз милод (баъзе муҳаққиқон санаи аниқтареро пеш ниҳодаанд, вале ин санаҳои аниқ якчандто аст) ба мулки Йуҷиҳои Кабир сафар карда будааст, чунин вазъиятро ба қалам медиҳад; Йуҷиҳои Кабир вилояти Дахя (ҷануби Аму)-ро тасарруф намуда, худ дар шимоли Аму маскан гирифтанд ва дар ҳамон ноҳия кӯчманчигӣ мекарданд. Ҷиҳати муҳимми ин маълумот ҳамин аст, ки ҳангоми баёни сарҳади давлати Йуҷиҳои Кабир Дахя сарҳадди ҷанубии давлат номида шудааст.

Панҷ мулк на дар ноҳияҳои кӯчманчигӣ зикр шудаасту на дар худи Дахя. Албатта, набудани зикри онҳо исботи набудани онҳо нест. Чжан Сян Дахяро

[51] Зограф А. Н., 1937, Давидович Е. А., 1976, с. 72.
[52] Давидович Е. А.. 1976, с. 71.

бо чашмони худ дидааст ва маълумоти муфассали вай («Онҳо шоҳу волиёни кабир надоранд, вале дар ҳар як шаҳру деҳоти мустаҳками худ ҳокимеро ба тахт шинондаанд») ба нуктаи вуҷуд доштани панҷ ва ё камтар аз он мулк зинҳор мувофиқат намекунад. Он вазъияте, ки Чжан Сян тасвир кардааст, мо шартан марҳилаи якуми таърихи йуҷиҳо меномем, ки баъди аз тарафи онҳо тасарруф шудани ноҳияҳои ҳар ду соҳили Аму сар шуда буд.

Дар маъхази дигар Хан-шу, ки тақрибан солҳои 80-уми солшумории мо таълиф шуда, воқеаҳои то соли 25-уми солшумории моро дар бар мегирад, тамоман вазъияти дигар тасвир шудааст: подшоҳи мамлакати Йуҷиҳои Кабир қароргоҳе дорад, ки дар яке аз шаҳрҳои воқеъ дар шимоли дарё ҷой гирифтааст; сарҳадди ҷанубии мамлакат Дахя не, балки вилояти Гибин мебошад; худи йуҷиҳо дар аввал ҳамчун давлати кӯчманчӣ ташаккул ёфта буданд; панҷ си-хоу ҳаст, ки ба Йуҷиҳои Кабир итоат мекунанд. Пас, маълум мешавад, ки дар бобати ба маданият ва иқтисодиёти маҳаллӣ (ва эҳтимол, қисман ба ҳаёти муқимӣ) марбут шудани истилогарони кӯчманчӣ ва аниқтар ташаккул ёфтани худи давлати Йуҷиҳои Кабир хеле тағйирот ба амал омада будааст. Дар шаҳр вуҷуд доштани қароргоҳи подшоҳ, муқаррар шудани сарҳадди давлатӣ ва ба он дохил карда шудани Дахя, ки дар аввал фақат ба ном тасарруф шуда буд, ниҳоят умумию сатҳӣ бошад ҳам, ба ҳар ҳол зикри вуҷуд доштани шоҳони Йуҷиҳои Кабир ва панҷ мулки алоҳида, ки аз тарафи си-хуоҳои (ябғуҳои) ғайримустақил идора карда мешуданд – ҳамаи ин маълумотҳо фикри болоиро тасдиқ мекунанд. Маълум не, ки ин гуна вазъият кай оғоз ёфта буд ва чӣ қадар давом дошт, фақат ҳамин маълум, ки ин гуна вазъият пеш аз соли 25-уми солшумории мо вуҷуд дошт ва он дар таърихи йуҷиҳо марҳилаи наве мебошад, ки мо онро марҳилаи дувум меномем. Ба ақидаи Е.А.Давидович, ҷулуси Герай ба марҳилаи дувум, яъне ба асри I пеш аз милод ё худ ба ибтидои асри I солшумории мо тааллуқ дорад[53].

Пас аз ин маъхазҳо хабар медиҳанд: «Баъди он ки сад сол ё андак бештар аз ин мурур кард, Гуйшуан Киотсзюкю дигар чор мулкро тасхир намуд ва худро подшоҳи Гуйшуан хонд. Зидди Анси ба ҷанг баромад. Гаофуро ишғол кард. Пуду ва Гибинро торумор намуд ва замини онҳоро забт кард. Киотсзюкю 80 сол умр дид. Баъд аз сари вай писараш Янгаочжен ба тахт нишасту Ҳиндустонро мутеъ намуд ва идораи онро ба яке аз сарлашкарони худ супурд. Аз ҳамон вақт сар карда, йуҷиҳо тавонотарин ва бойтарин хонавода шуданд. Мамлакатҳои ҳамсоя онро подшоҳи Гуйшуан меномиданд, вале дарбори Хитой мисли пештара онро Йуҷии Кабир меномид»[54].

Гуйшуан (аниқтараш Kiwei-sian)[55] транскрипсияи хитоии калимаи «кушон» мебошад, ки аз рӯйи тангаҳо маълум аст. Инак, Герай аввалин ҳокими оли Кушон дар ҳамон даврае будааст, ки ин сулола акнун боло мерафт. Мумкин аст вай аз ниёгони (падар ё бобои) ҳоким Киотсзюкю буд, ки дар тангаҳо номбар шудааст.

Тангаҳои кушонӣ дар хоки Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон бисёр ёфт шудаанд. Онҳо муҳимтарин сарчашмаи тадқиқи таърихи давлати Кушон

[53] Давидович Е. А., 1976, с. 59-60.
[54] Бичурин, II, с. 227-228. Тарҷумаи Э.Шаванн (Chavannes E., 1907, p. 190-192) ва ҳам тарҷумаи Э.Пуллейблэнк (Pulleyblank E.G., 1961-1968, p. 1) бо тарҷумаи Бичурин амалан як аст.
[55] Pulleyblank E.G., 1962, p. 118.

мебошанд. Катибаҳои ҳиндӣ, ки номи шоҳони Кушонро ифода мекунанд, низ хеле муҳиманд. Ғайр аз маъхазҳои хитоӣ дар баъзе маъхазҳои таърихии Ҳиндустон ва Тибет дар бораи фаъолияти шоҳони Кушон камубеш маълумот ба назар мерасанд. Вале ҳамаи ин маълумот порча-порчаи ба ҳам новобаста буда, онҳоро ба ҳам муқоиса кардан душвор аст ва аксари онҳо ба ҳамдигар хилоф мебошанд.

## Масъалаи хронологияи Кушон

Масъалаи хронологияи Кушон, ки олимон сад сол боз бо ҷӯшу хурӯш муҳокима мекунанд, ҳоло ҳам масъалаи дандоншикан аст. Ба назари аввал кор осон менамояд – катибаҳоеро, ки дар Ҳиндустону Покистон ёфт шудаанду номи шоҳони Кушонро ифода менамоянд, ибтидои оли Кушон ҳисоб кардан даркору халос. Вале гап дар ин ки дар аксари ин катибаҳо сол ҳасту вале ишорате нест, ки он сол ба кадом эра нисбат дорад. Эҳтимол, санаи катибаҳо аз рӯйи ду ва ё якчанд эра омада бошанд. Аниқ маълум, ки дар Ҳиндустон якчанд эра дар як вақт баробар истифода мешуд, масалан, эрае, ки аз нирвонаи Буддо сар мешуд, эраи Викрам – Vikramaditya Samvat (с.57 то м) эраи Сака – Saka-kâla (соли 78 м) ва ғ. Аз рӯйи тахмини олимон дар Ҳиндустони Қадим солшуморӣ аз рӯйи эраҳои аҷнабӣ: ҳам селевкӣ[56], ҳам портӣ ва ғ. ба амал оварда мешуд. Ғайр аз ин тахмин ҳаст, ки дар замони Кушониён санаи воқеаҳоро мувофиқи бисёр санаҳои дигар, масалан, санаи ба Бохтар дохил шудани йуҷиҳо, санаи ибтидои аҳди ин ё он ҳоким ва ғ. ҳисоб карданашон мумкин буд. Душвории кор боз ҳамин, ки дар Ҳиндустони Қадим одате буд, ки рақамҳои садӣ ё ҳазории солҳоро наменавиштанду фақат рақамҳои даҳӣ ва якиро менавиштанд.

Муҳаққиқи англис Э. Томас соли 1874 таклиф карда буд, ки барои муқаррар намудани эраи яке аз машҳуртарин шоҳони Кушон – Канишка эраи селевкиро (с. 312 пеш аз милод) ба асос гирифта, ба он рақамҳои садӣ, дар ин маврид, рақами «се» (садӣ)-ро илова кардан даркор. Дар ин сурат, агар бозёфтҳои навтарини хаттиро ба назар гирем, аҳди Канишка бояд дар соли 9 пеш аз милод сар шавад. Мутахассиси машҳури археология ва нумизматикаи Ҳиндустон А. Каннингэм дар байни эраи Викрам ва эраи Селевк ва ғ. мекалавид. Д. Фергюссон ақидае пеш ниҳод, ки аҳди Канишка аз эраи Сака – соли 78 пеш аз милод сар мешавад. Баъдтар А.Каннингэм ҳам ба ин розӣ шуд. Минбаъд ин сана дар адабиёт хеле маъмул гардид. Яке аз эпиграфистҳо ва муҳаққиқи муътабари забонҳои хутану сакоиҳо С.Конов, ки тамоми маъхазҳои ин масъаларо бодиққат аз назар гузарондааст, ба як қарори қатъӣ ҳеч омада натавонист. Вай чун ибтидои аҳди Канишка солҳои 128/129, 130, 134, 138 пеш аз милодро пеш ниҳодааст. Вай нишондодҳои астрономии катибаҳоро ба назар гирифта, ҳаракат кард, ки (бо ёрии астрономҳо) ин санаҳоро муайян кунад, вале ба як хулоса омада натавонист. Дар охири охирон гуфт, ки аҳди Канишка тақрибан соли 200 пеш аз милод сар шудааст. Худи ҳамин калавишҳо ва ҷустуҷӯйҳои чунин як муҳаққиқи номдор нишон медиҳад, ки ҳалли ин масъала чӣ қадар душвор аст. Ғайр аз санаҳои мазкур бисёр дигар санаҳо ҳам

[56] Cunningham A., 1883; Sircar D.C., 1965, p. 219–235; «The Age of Imperial Unity», 1951, p. 154–158.

пешниҳод шудаанд. Масалан, Р.Гиршман таклиф кард, ки ибтидои аҳди Канишка соли 144 пеш аз милод ҳисоб карда шавад[57].

Соли 1902 мақолаҳои муҳаққиқи ҳинд Д.Р.Бҳандаркор нашр шуданд. Ӯ катибаҳои ҳиндии бо Кушониён алоқамандро истифода бурда, дар заминаи таърихи Ҳиндустон фактҳои таърихии Кушониёнро таҳлил намуд ва ба хулосаи хориқулоддае омад. Моҳияти тарзи исботи вай чунин аст. Ба қавли вай, (ки инъикоси дараҷаи инкишофи ҳамонвақтаи илм буд), тартиби ба тахт нишастани шоҳони Кушон чунин буд: Куджула Кадфиз, Куджула Кара Кадфиз, подшоҳи беноме ва Вима Кадфиз. Катибаи Панҷтараро, ки санааш соли 192 эраи номаълум асту аҳди яке аз шоҳони беноми Кушон мебошад, Д.Р.Бҳандаркор ба Куджула Кадфиз вобаста мекунад. Вай шартан шуморид, ки ин подшоҳи беном 3 сол пеш аз Куджула Кадфиз, яъне соли 123 эраи номаълум ҳукм рондааст. Д.Р.Бҳандаркор фарз кард, ки ҳар яке аз он чор шоҳи мазкур бистсолӣ подшоҳӣ кардаанд, ҷамъ 80 сол мешавад ва дар ин сурат аҳди Вима Кадфиз бояд соли 200 эраи номаълум ба поён расад. Дар катибаҳои дар ҳамон вақтҳо маълум, ки дар онҳо номҳои Канишка, Хувишка, Васудева буданд, санаи аз соли 5 то соли 98 эраи номаълум зикр шудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ ин сана айнан ҳамон санаи матлуб асту фақат садиҳои он нест, пас аҳди ин шоҳон соли 205 эраи номаълум сар шуда, соли 298 эраи номаълум ба охир расидааст. Вай таклиф карда буд, ки ибтидои ин эра ибтидои эраи сана ҳисоб карда шавад (ки он ҳам аз рӯйи дигар маъхазҳо муайян карда мешавад) ва он соли 78 милодӣ мебошад. Дар натиҷаи ҳисобу китоби одӣ чунин мебарояд, ки соли 205 эраи номаълум (яъне катибаи аввалини дар он вақт маълум) соли 283 милодӣ аст, ки он оғози аҳди Канишка мебошад. Бҳандаркор, инчунин, исбот карданӣ мешуд, ки маҳз ба шарти қабул шудани чунин тартиби хронологӣ таърихи Кушониён ба чорчӯбаи таърихи Ҳиндустон айнан «мувофиқ» меояд[58].



**Тангаҳои шоҳони Кушон**

[57] Тафсирҳои беҳтаринро ниг.: Van Lohuzen-de Leeuw J.E., 1949; p. 1-72; Ghirshman R. 1957, p. 690-722; Rosenfield J.M., 1967, p. 253-258; Narain A. K., 1968. Тафсилоти муфассалтарро ниг.: Зеймал Е. В., 1968 а.

[58] Bhandarkor D. K., 1902, p. 269-302, 385-386.



**Тангаҳои шоҳони Кушон**

Суст будани бисёр нуктаҳои ин фарзияро ба осонӣ дидан мумкин. Он тартибе, ки Бҳандаркор шоҳонро ба тахт мешинонад, хато будааст. Маҳз бистсолӣ ҳукм рондани ҳар як подшоҳ низ ҳеҷ як асос надорад (дар омади гап, аз рӯйи маъхазҳои хитой Куджула Кадфиз хеле тӯлонӣ ҳукмронӣ карданаш мумкин).

Ҳозир маълумоти зиёд гирд омадааст. Дар катибае, ки алҳол маълум аст, аз соли 200 то соли 299 эраи номаълум фосилае ҷой дорад. Дар катибаи соли 187 (ё 184) Вима Кадфиз[59] номбар мешавад. Мувофиқи маълумоти нумизматӣ Кадфиз баъди Канишка ба тахт нишастааст, вале катибае, ки дар он номи Канишка аст, бо санаи соли якум (?) сар мешавад, баъд катибаи соли дувум меояд ва, ҳамин тавр, то соли 23 давом мекунад. Аз ин рӯ, санаи аҳди шоҳон ин тавр мешавад: Васишка солҳои 24-48; Хувишка солҳои 28-60; Канишка солҳои 11-41; Васудева солҳои 64 (ё 67) -98 уми эраи номаълум.[60] Ҳама гап дар сари ҳамин, ки муаллифони катибаи Канишка ва дигар шоҳони минбаъда маҳз эраро дар назар доштанд.

Яке аз мумаййизони муътабари ин масъала, профессори голландӣ хонума Лохвизен де Леев тамоми материалҳои мавҷударо хеле дақиқона таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки «дар савияи ҳозираи дониш бояд эътироф намуд, ки соли якуми аҳди Канишка ба соли 200-уми эраи кӯҳна ё айнан баробар аст ё худ чанд сол сонитар мебошад». Дар асоси ақидаи «мувофиқат»-и эраҳо вай соли 199 пеш аз милодро сароғоз ҳисоб кард. Дар ин сурат ибтидои аҳди Канишка соли 78 милодӣ мешавад[61].

Баъзе дигар олимон ҳам дар асоси ин ё он маълумот ба ақидае омадаанд, ки соли 78 милодӣ ибтидои аҳди Канишка аст.[62]

Таҳлили ниҳоят дақиқкоронаи палеографии олими покистонӣ А.Донӣ[63] имкон медиҳад хулосае бароварда шавад, ки палеографияи катибаҳо ба «мувофиқат»-и эраҳо хилоф нест, балки онро тасдиқ мекунад.

[59] Зотан ақидае ҳаст, ки дар хондани ин ном саҳв рафтааст, ин одам на Вима Кадфиз, балки ягон волии Кушониён аст (Sircar D.C, 1963, p.139). Ба ақидаи Рапсон, ин номи ҳокими маҳаллии кӯҳистон мебошад.

[60] Maricq A., 1958, p. 380-393; Rosenfield J.M., 1967, 1968 a, p.264–273; Зеймал Е.В., 1968 a, c.18-23, 32–47 (рӯйхати муфассали катибаҳо).

[61] Van Lohuizen-de Leeuw J.E., 1949, p. 63–65, 1–72, 302–387, ҷадвали А., В.

[62] Sircar D.C. 1960, p. 185–188.

[63] Dani A.H., 1968, p. 1–3.

Ин далели хеле муътабар бошад ҳам, вале ҳалкунанда не, зеро палеографияи ҳиндӣ ба он дараҷа кор карда нашудааст, ки дар асоси он роҷеъ ба даҳсолаҳо бо итминон ҳукм баровардан мумкин бошад.

Чи тавре дар боло гуфтем, дар масъалаи муайян кардани ибтидои аҳди Канишка дигар фикру ақидаҳо ҳам ҳастанд: соли 101 милодӣ (Нарайн), соли 128/29 милодӣ (Д.Маршалл), соли 144 милодӣ (Р.Гиршман), қарибии соли 200 (охирин ақидаи С.Конов), соли 235/36 (Р. Гёбл), соли 248 (Р.Маҷумдар).

Ба қарибӣ олими советӣ Е.В.Зеймал ба фоидаи фарзияи Бҳандаркор далелҳои хеле муфассал овард, ки мувофиқи онҳо тамоми санаҳои аҳди шоҳони кушонӣ ҳаддалимкон сонитар мешаванд.

Ғайр аз катибаҳое, ки дар Ҳиндустону Покистон ёфт шудаанд, вай материалҳои нумизматиро низ истифода бурдааст. Ҷадвали хронологияи нисбӣ, ки Е.В.Зеймал онро дар асоси ақидаҳои Бҳандаркор таҷдид намудааст, чунин аст (дар қавсайн рақамҳои садие оварда шудаанд, ки дар худи катиба нестанд) [64]:

| Номи ҳокимон | Соли катиба | Соли милодӣ |
|---|---|---|
| Куджула Кадфиз | қарибии 100–160 | 178–238 |
| Вима Кадфиз | қарибии 160–200 | 238–278 |
| Канишкаи I | қарибии (2)00–(2)23 | 278–301 |
| Васишка | қарибии (2)24–(2)28 | 302–306 |
| Хувишка | қарибии (2)28–(2)60 | 306–338 |
| Канишкаи II | қарибии (2)41 | 319 |
| Васудева | қарибии (2)64–(2)98 | 342–376 |

Маълум, ки санаи ибтидои аҳди Куджула Кадфиз аз рӯйи ақидаи Бҳандаркор гирифта шудааст. Соли 160 бошад, мутлақо шартист ва ба интихоби он шояд дарозии умри ин шоҳ таъсир расонда бошад, ки дар маъхазҳои хаттӣ қайд гардидааст.

Ягона асосе, ки мувофиқи он муддати аҳди Вима Кадфиз муайян карда шуд, дар навиштаҷоти соли 184/187 зикр гардидани вай мебошад. Сабаби соли 160 будани ибтидои аҳди вай соли (мутлақо шартии) поёни аҳди пеш гузаштаи вай Куджула Кадфиз аст. Поёни аҳди Вима Кадфиз барои ҳамин соли 200 шудааст, ки аз соли 200 ё 201 (яъне соли 278 милодӣ) аҳди Канишкаи I сар мешавад. Асоси ин сана фақат фарзияи Бҳандаркор дар бораи «мувофиқат»-и ҳамаи ин санаҳо мебошад (баъди илова намудани садиҳои зикрнашуда).

Ба ҳамин тариқ, схемаи Е.В.Зеймал таҷдидкардаи Бҳандаркор хеле бамантиқу бамаврид намояд ҳам, нуқси асосии он, яъне ба исбот нарасидани «мувофиқат»-и санаҳо (сарфи назар ба далелҳои палеографии А.Донӣ) бартараф нашудааст[65]. Иддаои соли 78 (эраи сакоӣ) будани оғози хронологияи Кушониён ҳам баҳснок мебошад.

Е.В.Зеймал ба тарафдории фарзияи Бҳандаркор боз чанд далелҳои муҳимми иловагӣ овард. Вай дар баъзе ашхос ва ҷузъиёти тангаҳои кушонӣ

[64] Зеймал Е. В., 1964, с. 40–46; 1965, с. 4–6; 1968 б.

[65] Яке аз эпиграфистҳои машҳури ҳозира Д. Саркор (Ҳиндустон) ақидаи дар эраи Канишка навишта нашудани садиҳо ва, умуман, ақидаи «мувофиқат»-и эраҳоро қатъиян инкор мекунад (Sircar D.C., 1960, p. 249–250; ниг.: низ Mukherjee B.N., 1967, p. 107, 110, 117).

тимсоли тангаҳои римиро дидааст. Масалан, дар тангаҳои кушонии Хувишка тимсоли тангаҳои давраҳои чоряки дувуми асри III ва даҳаи аввали асри IV-уми римиро мебинад. Азбаски ин хусусияти сиккаи Кушониён фақат баъди дар сиккаи римиҳо қабул шудан метавонист маъмул гардад, ба ин сабаб тангаҳои кушонии Хувишка бояд ба нимаи аввали асри IV ё IV/V ба давраҳои сонитар мансуб бошанд. Е.В.Зеймал ана ҳамин ҷиҳатро далели дурустии ақидае мешуморад, ки оғози эраи номаълум соли 78 мебошад ва дар ин сурат Хувишка бояд солҳои 306-338 эраи нав [(78 + 228) –(78 + 260)] ҳукмронӣ кунад. Дигар далели нумизматӣ, ки ба он Е.В.Зеймал такя мекунад, таърихи сиккаи Кушону Сосониён ва санаи заволи империяи Кушониён (солҳои 70-80-уми асри IV) мебошад, ки В.Г.Луконин пешниҳод кардааст (ин тангаҳо мисли тангаҳои Васудеваанд, аз ин рӯ, пас аз вай баромадаанд). Дар ин бобат, инчунин маъхазҳои эронӣ, хитоӣ ва ҳиндӣ мавриди истифода ва тафсир қарор гирифтаанд.[66]

Фарзияи Бҳандаркор-Зеймал бо ин ҳама диққатҷалбкунандагии худ танҳо фарзия асту бас. Худи ҳамон як материалҳои нумизматӣ аз тарафи Р.Гёбл чунон тавзеҳ ёфтаанд, ки схемаи хронологии ӯро ба исбот мерасонанд, ҳол он ки санаҳои он аз схемаи дар боло зикркардаи мо қариб ним аср «калонтаранд»[67].

Гарчанде таърихи давлати Кушон дар сарзамини беканоре ҷараён ёфта, бо таърихи ханнҳои Хитой, Сосониёни Эрон ва давлатҳои Ҳиндустон робитаи зич дошта бошад ҳам, дар санаи воқеаҳои онҳо ягон мувофиқати баҳснопазир ба назар намерасад. Як мисол меоварем.

Мувофиқи сарчашмаи хитоӣ 5 январи соли 230 ба Хитой ҳайати сафорати Po-t'iao шоҳи йуҷиҳо омадааст. Ҳанӯз Э.Шаванн эътироф карда буд, ки эҳтимол, ин талаффузи хитоии номи Васудева бошад, вале аз имкон берун мешумурд, ки ин ҳамон подшоҳи Кушон – Васудева мебошад, ки пас аз Канишка ва Хувишка ҳукмронӣ кардааст.

Ба фикри Карлгрен, ба хитоӣ ин ном бояд *Puâd'ieu талаффуз карда шавад. Одатан ҳарфи аввали ***p***-и хитоӣ, ки дар номҳои хориҷӣ меояд, садои ***p*** ё ***b***-ро ифода мекунад. Дар ин маврид бошад, барои ифодаи ҳарфи ***v*** истифода шудааст. П.Пело илоҷи корро дар ҳамин медид, ки ба матн тағйирот даровардан даркору Buâd'ieu хондан лозим. Вай ҳам эътироф мекард, ки ин ном бо Васудева алоқаманд аст, вале дар ин ақидааш устувор набуд ва дар ин шакке нест. Э.Пуллейблэнк чунин тағйиротро имконнопазир медонист ва ба чунин ақидае майл дошт, ки ин одам ба ҳар ҳол, ҳамон Васудева аст, гарчанде дар ин иддаои худ исрор намеварзад ва масъалае мегузорад, ки ин одам маҳз кадом Васудева бошад, зеро аз эҳтимол дур нест, ки ин ном дар байни авлоди шоҳони Кушон серистеъмол буд ва мумкин чандин кас чунин ном доштанд [68].

Барои ҳалли ин масъалаи бениҳоят мураккаб муҳаққиқон ғайр аз материалҳои номбурда дигар мадракаву маълумот – бозёфтҳои якҷояи тангаҳои кушону римӣ дар хазинаҳо ва аз табақоти археологӣ, маълумоти сиккаи маҳаллии ҳиндӣ (ва шарқитуркистонӣ), материалҳои археологии осоре,

---

[66] Зеймал Е. В., 1968 б; Луконин В. Г., 1967, с. 16–40.
[67] Ниг.: Göl R., 1964, s. 7; 1967.
[68] Pelliot P., 1934, p. 40; Harmatta J., 1965; Pulleyblank E.G., 1966–1968, p. 121.

ки дар онҳо танга ё катибаи кушонӣ ёфт шудаанд, асарҳои санъат, шаҳодати номукаммали маъхазҳои ҳиндӣ ва тибетӣ ва ғ.-ро низ мавриди истифода қарор додаанд. Вале ҳамаи инҳо ҳам имкон намедиҳанд, ки як хулосаи аниқ баровarda шавад.

Солҳои 1913 ва 1960 дар Лондон дар масъалаи муайян намудани санаи аҳди Канишка симпозиум гузаронда шуд. Ин масъала дар Конференсияи байналхалқии роҷеъ ба таърих, археология ва маданияти Осиёи Марказӣ дар даврaи Кушониён (Душанбе, 1968) хеле муфассал ва амиқ муҳокима карда шуд. Ва боз муҳаққиқон ба як қарори қатъӣ омада натавонистанд[69].

Ба фикри мо, миқдори маводҳои мавҷуда алҳол имкон намедиҳад, ки масъалаи дурустӣ ё нодурустии ин ё он схема, ҳатто ба таври пешакӣ ҳал карда шавад, барои ҳар як схема далелу бурҳони қотеъ ёфтан мумкин, ки мувофиқи он ибтидои аҳди Канишка ба ҳар як соли даврaи аз нимаи дувуми асри III эраи нав рост омаданаш мумкин аст. Бинобар ин, шаҳодати бисёр катибаҳои ҳиндӣ, маъхазҳои хитоӣ ва ғарбиро, ки роҷеъ ба ин ё он воқеаи давлати Кушон аст, муаррихони ҳозиразамон ба аҳди ин ё он шоҳ мулҳақ намуда, ба қавли хеле муносиби олими ҳинд Б.Н.Пурӣ, «онҳоро дар ҷазираҳои мутаҳаррики хронологияи Кушониён баста монданӣ мешаванд». Асари худи Б.Н.Пурӣ [70], ки маҷмӯи хеле муфиди маводҳо мебошад, дар айни ҳол равшан нишон медиҳад, ки барои ҳалли бисёр масъалаҳои таърихи Кушон дар дасти илм алҳол меъёрҳои объективӣ нестанд.

## Забти сарзаминҳо

«Ҳокими Гуйшуан Киотсзюкю» (ба қавли П.Пелйо, ин ном дар қадим K’iəudz ‘iəu kiəp талаффуз карда мешудааст), ки дар маъхазҳои Хитой зикр шудааст, ҳамон Куджула Кадфиз мебошад, ки дар тангаҳои Кушониён номаш ба назар мерасад (ду қисми аввали номи хитоӣ «Кудзула» ва қисми охираш «Кадфиз»-ро ифода мекунад)[71]. Инак, мо медонем, ки вай бо Анси, яъне Порт ҷангида буд. Сипас, ривоят мешавад, ки ин ҳоким Гаофу (ё Каофу), яъне Кобулро тасхир кардааст. Вале дар бораи ин мулк мо ҳаминро медонем, ки он пеш тобеи Анси будааст ва йуҷиҳо (Кушониён) фақат аввал Ансиро шикаст додаанду баъд Гаофуро ишғол кардаанд[72] (Дар ин асос ба хулосае омадан мумкин, ки Кушониён дар ин даврaи мавҷудияти худ бо худи Порт не, балки бо ҳокимони номустақили Порти шарқӣ задухӯрд карда, онҳоро торумор намудаанд). Баъд ба Пуду зарба зада шуд, ки дар қадим b’uok-d’ât талаффуз карда мешуд ва ба қавли И.Маркварт, эҳтимол, этноними пактиё мебошад (Геродот, IV, 44; VII, 67; Гекатей, фиқраи 178).[73]

Масъалаи Гибин хеле мураккаб аст. Дар бобати муқаррар кардани ҷойи он мо ҳамфикри олими Италия Л.Петеч мебошем, ки вай Гибинро дар қисми

[69] Ниг.: «Центральная Азия в кушанскую эпоху», 1974; «Центральная Азия в кушанскую эпоху», т. II, 1975.
[70] Puri B.N., 1965.
[71] Pelliot P., 1934, p. 39. Чунин шаклро Б. Карлгрен ҳам пешниҳод кардааст (ниг.: Konow S., 1933, p. 27–28).
[72] Бичурин, II, с. 228.
[73] Petech L., 1950, p. 69. Муқоиса шавад: Массон В. М. ва Ромодин В. А., 1964, с. 68.

шимолу ғарбии Ҳиндустон – дар ноҳияҳои Қандаҳор ва Панҷоби ғарбӣ ҷой додааст[74].

Ба ҳамин тариқ, аллакай дар аҳди Куджула Кадфиз, ки онро ғолибан Кадфизи I меноманд, хоки давлати Кушон хеле васеъ шуд. Масоҳати давлат аз ҳудуди Бохтар берун рафта, бисёр дигар ноҳияҳо ва халқҳоро дар бар гирифт.

Дар бораи аҳди Кадфизи I баъзе маълумотҳоро аз тангаҳо гирифтан мумкин[75]. Як силсила тангаҳо ба даст омаданд, ки дар рӯйи онҳо расми яке аз охирин ҳокимони Юнону Бохтар – Гермей ва номи он сабт шудааст. Дар пушти танга ҳайкали Геракл тасвир шуда, чунин хат ҳаст: «Куджула Кадфиз, Ябғуи кушон, қавиимон». Ба ақидаи баъзе мухаққиқон (масалан, Д.Саркор, А.Симонетта, В.М.Массон) тангаҳои мазкур инъикоси авзое мебошад, ки дар айни ба кӯҳистони Афғонистони марказӣ ҳаракат кардани Кадфизи I ба вуҷуд омада буд ва Кадфизи I дар ин давра маҷбур буд, ки муваққатан сарвар будани подшоҳчаи Юнону Бохтар – Гермейро эътироф намояд ва ба ҳамин сабаб дар тангаҳое, ки ҳар дуи онҳо сикка заданд, дар рӯяш расми Гермей ҳаст.[76] Вале дигар ақида ҳам ҳаст, ки ин сиккаи якҷояи Гермей ва Кадфизи I не, балки сиккаи худи Кадфизи I аст, ки тақлидан ба тангаҳои қадима баровардаасту фақат номи худро илова намудааст. Ба фикри В.В.Тарн, сабаб ҳамин, ки кадоме аз ниёгони Кадфизи I домод ё почои Гермей будааст ва ин тангаҳои якҷоя варосаттарошии Кадфизи I-ро ифода мекардаанд. Вале ин қаробати Гермей ва Кадфизи I исбот нашудааст. Дигар олимон (Рапсон, Бахофер, Нарайн) низ ба ин тахмин зид не, балки онҳо нуктаҳои ба ҳақиқат наздиктари ин тахминро тарафдорӣ мекунанд, яъне Кадфизи I маҳз барои ҳамин дар сиккаи Гермей номи худро илова намуда, онро давом дод, ки ин тангаҳо дар маҳалҳо аз ҳама маъмултар буданд.[77]

Хулоса, барои муайян кардани шароити сиккаи ин тангаҳо алҳол имкон нест.

Тадқиқи дигар тангаҳо, ки онҳоро худи Кадфизи I баровардааст, нишон медиҳад, ки унвони вай аз ябғу («сарвар») сар карда, то «подшоҳи аъзам» ва ҳатто то «шаҳаншоҳ» тадриҷан дигар шудааст.[78]

Аз афти кор, васеъ шудани масоҳати давлат ва пурзӯр шудани ҳокимият боиси зӯр шудани ғурури Кадфизи I гардиданд. Дар ҳақиқат ҳам, дар муддати ниҳояти тӯлонии ҳукмронии худ вай аз як ҳокимчаи вилояти хурдакак ба шаҳаншоҳе мубаддал шуд, ки ба вай мамлакатҳову халқҳои бисёр итоат мекарданд.

Ғайр аз маъхазҳои хаттӣ бисёр тангаҳое, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон ёфт шуданд, шаҳодат медиҳанд, ки як қисми ин ноҳияро Кадфизи I ба мулки худ ҳамроҳ карда буд. Фақат дар димнаи Таксила (Сиркап) 2500 танга ёфт шуд. Дар Осиёи Миёна бошад, ин гуна тангаҳо кам вомехӯранд. Дар

---

[74] Petech L., 1950, p. 69–70.

[75] Cunningham A., 1892, p. 6–8, 25–28 ва дигар мадракаву мақолаву тадқиқот роҷеъ ба тангаҳои Кушониён.

[76] Sircar D.C., 1938; Simonetta A.M., 1958, p. 171; Массон В.М., Ромодин В.А., 1964, с. 158–159.

[77] Tarn W., 1951, p. 503–507; Narain A.K., 1968, p. 160–162; Rozenfield J.M., 1967, p. 12–13.

[78] Marquart J., 1901, s. 208–209.

Тоҷикистон ин хел тангаҳо дар Шаҳринав, Душанбе, Қабодиён[79], Хоруғ ва дар дигар ҷойҳо ёфт шудаанд.

Тангаҳои Кадфизи I фақат аз мис будаанд. Ба фикри Е.В.Зеймал, қадимтарини ин тангаҳо ҳамон тангаҳое мебошанд, ки тақлидан ба тангаҳои Гермей бароварда шудаанд. Дар байни тангаҳои Кадфизи I тангаҳое ҳастанд, ки ба тангаҳои қадими императории Рим шабоҳат доранд.[80]

Боз як гурӯҳи тангаҳо ҳастанд, ки дар онҳо номи подшоҳ несту фақат унвони вай – «шаҳаншоҳ, наҷотбахши аъзам» («сотер мегас») сабт гардидааст. Ин тангаҳо ҳам дар Осиёи Миёна хеле кам ёфт шудаанд; онҳо дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон ба назар мерасанд. Дар асоси якчанд маълумотҳо баъзе олимон (М.Е.Массон, Г.А.Пугаченкова, А.К.Нарайн) тахмин мекунанд, ки ин тангаҳои беномро Кадфизи I баровардааст.[81] Ин фарзия хеле ҷолиби диққат бошад ҳам, бисёр муаммоҳои печдарпечи нумизматӣ дорад. А.Симонетта тахмин мекунад, ки подшоҳи ин тангаҳоро сикказада баробари Кадфизи II ҳукм меронду баъд Кадфизи II он подшоҳро дур кард.[82] Борҳо чунин ақида ҳам изҳор гардид, ки тангаҳои ин подшоҳи беномро якчанд подшоҳ баровардаанд, ки тақрибан дар як вақт ҳукмронӣ мекардаанд. Ба фикри Е.В.Зеймал, қадимтарини ин силсила тангаҳо ба давраи Кадфизи I мансуб буда, тангаҳои давраҳои сонитар андаке пеш аз тангаҳои Кадфизи II ё баробари онҳо бароварда шудаанд.[83] Ниҳоят, чунин ақида ҳам ҳаст, ки «сотер мегас» ба доираи ҳокимони олии давлати Кушон тааллуқ надошт, балки аз онҳо мартабааш пасттар буд [84].

Солномаи Хитой пас аз Киотсзюкю (яъне Кадфизи I) писари вай Янгаочженро (талаффузи қадимаи вай Iäm-kâu-t ien) [85] зикр кардааст. Аз рӯйи мадракаи тангаҳо ин одам Вима Кадфиз аст, ки унвони болохонадоре дошт – «шаҳаншоҳ, подшоҳи олам, наҷотбахш». Аз рӯйи хатту мадракаи тангаҳо ва маълумоти солнома бисёр ноҳияҳои шимоли Ҳиндустонро забт кардани ин подшоҳ ба ҳақиқат хилоф нест. Дар Матхура ҳайкали сангине ёфт шуд ва одатан, тахмин мекунанд, ки катибаи ин ҳайкал номи Вима Кадфизро ифода мекунад[86]. Дар Ладак бошад, дар маҳалли Калатсе (Khalatse) – катибае бо зикри номи вай ва санаи соли 187-ум (эрааш номаълум) ёфт шудааст. Ба фикри баъзе олимон, Кадфизи II тамоми шимоли Ҳиндустон, аз ҷумла Кашмирро ҳам забт карда будааст (дар омади гап, Кашмирро забт кардани Кадфизи II боиси шубҳа мебошад)[87].

---

[79] Зеймал Е. В., 1960, с. 115–116.

[80] Göbl R., Зеймал Е. В., 1965, с. 6–7. Дар байни нумизматҳо ақидаи ягонае нест, ки тимсоли сурати (сари марде дар аверс) баъзе тангаҳои Кадфиз ба кадом тангаҳои румӣ – тангаҳои Август, ё Тиберий, ё Клавдий ва ғ. алоқаманд аст. Ба фикри Розенфелд, суратҳои рӯйи тангаҳои Кушониён чунон мавҳуму умумӣ мебошанд, ки онҳоро бо ин ё он оригинали румӣ аниқ муқоиса кардан мумкин нест (Rosenfield J.M., 1967, p. 13)

[81] Массон М. Е., 1950; Пугаченкова Г. А., 1966 а; ба фикри А. К. Нарайн (Narain A.K., 1968, p. 8) ин тангаҳоро Кадфизи I дар нимаи дувуми аҳди худ баровардааст.

[82] Simonetta A., 1958, p. 171.

[83] Зеймал Е. В., 1957, с. 7

[84] Göbl R., 1968, p. 5–6.

[85] Pelliot P. 1934, p. 34.

[86] Vogel J., 1930, p. 22, II. Вале якчанд олимон ба ин зид ҳастанд (Rosenfield J.M., 1967, p. 144-145).

[87] Ghirshman R., 1946, p. 142. Муқоиса кунед: Petech L.,1950, p. 75.

## Ислоҳоти пулии Кадфизи II

Кадфизи II дар сиёсати пул ислоҳоте ба амал оварда, тангаҳои тиллоро ба муомилот андохт. Одатан, чунин ақида маъмул буд, ки вазни тангаҳои тиллоии Кадфизи II дар асоси меъёри вазни тангаҳои римӣ – «динариус ауреус» муқаррар шуда буд, вале гуфтан лозим, ки дар байни тангаҳои Кадфизи II динорҳои дучанда, динорҳои муқаррарӣ, нимдинориҳо ва чорякидинориҳо ҳам буданд (вазни як динор қариб 8 г). Аз охири асри XIX масъалае муҳокима мешуд, ки ин меъёри вазн ба меъёри вазни тангаҳои тиллоии римӣ, ки Август сикка мезаду вазни онҳо ҳам 8 г буд, чи қадар робита дорад. Дар саҳифаҳои адабиёти хориҷӣ ва русӣ дар ин асос борҳо даъво мешуд, ки вазни тангаҳои тиллоии худро Кадфизи II аз вазни тангаҳои Август гирифтааст ва зиёда аз ин, тангаҳои тиллоии Кадфизи II дар замоне баромадаанд, ки ба давраи аҳди Август хеле наздик мебошанд. Вале ҳаминаш маълум, ки Август соли 14 пеш аз милод мурдаасту тангаҳои аз ҳама сервазнтари вай хеле пештар – аз солҳои 19 пеш аз милод сикка зада мешуданд. Баъд аз сари Август вазни тангаҳои тиллоии римӣ тадриҷан кам шуда, пас аз ислоҳоти соли 64 милодӣ 7,3 г муқаррар карда шуд. Лохвизен де Леев дар ин асос ба хулосае омад, ки Кадфизи II тангаҳои худро пеш аз ин ислоҳот, яъне пеш аз соли 64 милодӣ сикка мезадааст[88].

Вале ба қарибӣ Д.Макдоуэлл нишон дод, ки ин масъала саҳли мумтанеъ аст. Аввалан, дар Рим тангаҳои сервазни тиллоӣ баъди сари Август ҳам сикка зада мешуданд ва ин кор то худи соли 97 милодӣ давом кард. Сониян, тангаҳои тиллоии вазнашон қариб ҳаштграммӣ дар аҳди Август фақат аз соли 19 то соли 12 милодӣ бароварда мешуданд ва зимнан, баъдтар онҳо аз муомилот баромаданду дигар дар хазинаҳои мансуби нимаи якуми асри I милодӣ дучор намешаванд. Дар он вақт дар Рим фақат тангаҳое роиҷ буданд, ки вазни онҳо аз вазни тангаҳои Кадфизи II кам буд. Илова бар ин, (ҳар кадом схемаи хронологиро кор фармоем ҳам) мутлақо имкон надорад, ки аҳди Кадфизи II ба охири асри I пеш аз милод бурда шавад.

На фақат мулоҳизаи мазкури Д.Макдоуэлл, балки чунин хулосаи вай ҳам ҷолиби диққат аст, ки навигариҳои Кадфизи II дар ин соҳа айнан нусхабардории қонуну қоидаҳои Рим набуд ва буда ҳам наметавонист. Ҳам дар Рим ва ҳам дар Кушон ин тангаҳои тиллоӣ сарвати андак набуд. Зотан, ин тангаҳо ба сабаби гуногунии вазни худ ба ҷойи ҳамдигар роҳ намерафтанд, вале тоҷироне, ки бо муомилоти моли бисёр машғул буданд, ин тангаҳоро дар тиҷорати байналхалқӣ кор мефармуданд, зеро дар ин хели тиҷорат масъалаи муовиза душвор нест. Ба ақидаи ин муҳаққиқ, тангаҳои тиллоии Рим ва Кушон на он гуна тангаҳое буданд, ки «дар як ва ҳатто дар кишварҳои ҳамҷавор паҳлу ба паҳлу гардиш карда тавонанд»[89].

Вале сарфи назар аз ин, мо ба маълумоти фаровони роҷеъ ба равобити тиҷоратии империяи Риму Ҳиндустон, аз ҷумла, давлати Кушон, ба бозёфтҳои сершумори тангаҳои Рим дар хоки Ҳиндустон[90], ба таъсири баҳснопазири

[88] Van Lohuizen-de Leeuw J.E., 1949, p. 365.
[89] Mac Dowall D.W., 1960, p. 63–68.
[90] Wheeler M., 1955, p. 141–202; Margabandho C., 1955, p. 316–322.

усули сикказании римӣ ба тарзи сикказании кушонӣ чашм пӯшида наметавонем [91]. Вале ҳамаи ин касро ба андешае водор менамояд, ки сабаби дар муомилоти пулии Кушониён роиҷ шудани тангаҳои тилло эҳтиёҷоти тиҷорати байналхалқӣ буд ва дар бобати муқаррар шудани вазни тангаҳои тиллоии Кушониён таъсири меъёри тангаҳои Рим бошад ҳам, аммо гуфтан мумкин, дар ин бобат нусхабардорӣ ҷой надошт.

Е.В.Зеймал таъкид кардааст, ки дар як давлати бекарони муқтадир муттаҳид шудани мулкҳои парешону пароканда ва ба туфайли ҳамин хеле афзудани имконияти иқтисодиёти мамлакат яке аз заминаҳои асосии ислоҳоти мазкур гардиданд, ки дар айни он аз тангаҳои нуқра даст кашида, тангаҳои тиллоро ҷорӣ намуданд[92]. Ба фикри мо, ин даъвои Е.В.Зеймал, бешубҳа, дуруст аст.

«Маълум ки шоҳони давлати Кушониёни Кабир аз сикка задани тангаҳои нуқра тамоман даст кашида буданд,– менависад Е.А.Давидович,– вале ин масъала тадқиқоти махсусро тақозо дорад, аммо дар ин масъала ҳатман ду ҷиҳатро ба эътибор гирифтан лозим – аввал, тамом шудани нуқра дар конҳои нуқра ва сонӣ, барои эҳтиёҷи сиккахонаҳо ба қадри кофӣ ҷамъ нашудани нуқра. Аз афти кор, аз ҳама дуrусташ ҳамин, ки таъсири ҳар ду омил ба назар гирифта шавад ва аҳамияти он омилҳо бо давраҳои гуногуни таърихӣ – бо шароити тағйирёбандаи сиёсӣ (давраҳои омадани йуҷиҳо, давраҳои вуҷуди панҷ мулки тобеъ, давраҳои вуҷуд доштани панҷ мулки мустақил, давлати Кушониёни Кабир; васеъ шудани ҳудуди мамлакат) ва иқтисодӣ (ҳатман равнақ ёфтани истеҳсолоти молӣ, ки хеле зиёд шудани миқдори пулро талаб мекард) вобаста карда шавад.

Баъди суқути давлати Юнону Бохтар дар муддати мадид ислоҳоти пулии Кадфизи II як дигаргунии сифатие мебошад, ки ба туфайли, умуман, инкишоф ёфтан ва дигар гаштани шароити сиёсию иқтисодӣ ва ҷузъан равнақ ёфтан ва пеш рафтани сикказанӣ ва муомилоти пулӣ, ба амал омада буд»[93].

## Канишка ва равнақи давлати Кушон

Машҳуртарин шоҳи Кушон – Канишка мебошад. Таҳлили номи вай дар илм боиси мубоҳисаву мунозираи дурударозе гардид. Г.Бейли изҳори андеша кард, ки қисми аввали ин ном аз калимаи «kan» («хурд, ҷавон») баромадааст ва маънои тамоми калима «ҷавонтарин» ё «хурдтарин» аст[94]. В.Б.Ҳеннинг ҳам ба ин фикр розӣ, вале бархилофи Г.Бейли, вай ба суффикс маънои дигар дод[95]. В.В.Иванов таклиф кард, ки суффикс тахорӣ ва худи калима калимаи муштараки форсу тахорӣ шумурда шавад[96].

Агар маънои номи Канишка то ба ҳол аниқ муайян нашуда бошад, масъалаи муайян намудани санаи аҳди вай аз он ҳам мушкилтар аст. Зарофати фарзияву тахминҳои сершумор ҷойи маълумоти аниқро гирифта наметавонад.

---

[91] Göbl R., 1960, p. 76.
[92] Зеймал Е. В., 1967, с. 61.
[93] Давидович Е. А., 1976, с. 76–77.
[94] Bailey H. W.,1968.
[95] Henning W. B., 1965, s. 83–84.
[96] Иванов В. В., 1965.

Санаҳои ниҳоят мухталиф аз соли 78 сар карда, то соли 278 милодӣ пешниҳод шудаанд. Дар вақтҳои охир нумизматҳои ҳам советӣ ва ҳам хориҷӣ санаҳои сонитари (ё нисбатан сонитари) ибтидои аҳди Канишкаро дурусттар мегӯянд, вале дар омади гап, ин ақидаи онҳо боиси эътирози сахти муқобилони онҳо гардидааст. Аз афти кор, бозёфтҳои нав, алалхусус бозёфтҳои археологӣ ин масъаларо равшан хоҳанд кард, вале алҳол ин масъала ба кӯчаи равшанӣ ё муайянӣ наздик ҳам нашудааст. Инак, баробари санаи Канишка, санаҳои аҳди дигар шоҳони Кушон ҳам аз «асре ба асре чорхез мекунанд».

Мувофиқи маълумоти мавҷуда аҳди Канишка камаш 23 сол давом доштааст. Дар аҳди вай вусъат ва тамаркузи минбаъдаи мулкҳои ҳиндустонии Кушон ба вуқӯъ пайваст: Панҷоб, Кашмир, Синд, Уттор Прадеш (дар шарқ то худи Банорас) дар таҳти ҳокимияти вай буд. Пойтахти давлат шаҳри Пурушапура (Пишовури ҳозира) қарор ёфт[97].

Сарзамини давлати Кушон дар аҳди Канишка бо як худи шимоли Ҳиндустон маҳдуд нашуда, қариб тамоми Афғонистон, бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна ва Туркистони шарқиро дар бар мегирифт.

Сюан-Сзан навишта буд: «Пештар, замоне ки Канишка подшоҳӣ мекард, шуҳрати вай дар давлатҳои ҳамсоя паҳн шуд ва иқтидори ҳарбии ӯро ҳама эътироф менамуданд. Шоҳзодагоне, ки дар кишварҳои ғарбтари Хитой буданд, ба Канишка итоат доштанд ва ба ин подшоҳ гаравиҳои худро мефиристонданд»[98].

Дар катибаи соли 262-уми милодии шоҳи Сосониён – Шопури I дар «Каъбаи Зардушт» гуфта мешавад, ки тӯли Кушоншаҳр то Пишовур, Кош (Кошғар ё Кеш – Шаҳрисабз), Суғд ва ҳудуди Чоч буд[99]. Ёдгориҳои археологӣ ва бозёфти тангаҳо имкон медиҳанд бо камоли итминон гӯем, ки ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистони ҳозира (аз ҷумла, Помир) ва Ӯзбекистон, инчунин водии Зарафшон, бешак, дар ҳайати давлати Канишка буданд. Аз эҳтимол дур нест, ки дар давраи авҷи тараққиёти давлати Кушон Фарғона ҳам дар ҳайати он, ё худ дар зери таъсири он буд, ин нуктаро дар ҳаққи ноҳияҳои маҷрои мобайни дарёи Сир ҳам гуфтан мумкин аст. Дар ин бобат дар бораи Хоразм ягон гапи аниқ задан мумкин не: иддаои мавҷуд будани «Хоразми кушонӣ», ки дар адабиёт бисёр ба назар мерасад, алҳол асоси мустаҳкам надорад.[100]

Дар бобати Туркистони шарқӣ бошад, ҳатто сарчашмаҳои ғаразомези хитоӣ эътироф менамоянд, ки ин мамлакат муддате дар ҳайати давлати йуҷиҳо, яъне Кушониён буд. Аввал Кушониён ва Хитои ханнҳо робитаи дӯстӣ доштаанд. Вале баъдтар дарбори ханнҳо бо роҳи хиёнат ҳайати сафорати Кушониёнро ба ҳабс мегирад. Дар натиҷа ҷангҳои бисёре мешавад. Дар ниҳояти кор, дар ибтидои асри II эраи нав ба Кушониён муяссар шуд ба тахти

---

[97] Синха Н.К., Банорҷӣ А.Ҷ., 1954, с.81; Sircar D.C., 1953, p.141. Баъзе олимон дар асоси таҳлили катибаи Канишка баъзе марҳаллаҳои тасхири Ҳиндустон ва вусъати хоки давлати ӯро муайян карданианд (Puri B. N.. 1965, p. 37 ва харита).

[98] Si-Yu-Ki, p. 173.

[99] Sprengling M., 1953, P. 7, 14; Луконин В. Г., 1967, с. 16, 1964 а, с. 30-31.

[100] Дар бораи мубоҳиса оид ба ин масъала ниг.: Толстов С. П.,1948 б, с. 151; Ставиский Б.Я., 1961, с. 111-112; Массон В. М., 1966 в ва дигарон.

Сулэ (Кошғар) волии худро бардоранд[101] ва ҳокимони ин мамлакат аз йуҷиҳо «метарсиданд»[102].

Дар натиҷаи мавҳумии хронологияи Кушониён алҳол маълум не, ки ин ҷангҳои Кушону Хитой дар аҳди Канишка шудаанд ё дар аҳди ниёгони вай.[103] Маъхазҳои ҳиндӣ, ҳам ишғоли Тарим ном вилояти Туркистони шарқӣ ва ҳам ғалаба дар ғарб бар портҳоро бо номи Канишка алоқаманд кардаанд.[104]

Ҳамаи ин далолат ба он дорад, ки Канишка тавонист на фақат хоки давлати худро вусъат диҳад, балки, аз афти кор, ба калонтарин давлатҳои ҳамсоя зарбаҳои сахт занад.

Ривоятҳои буддоӣ номи Канишкаро бо дини буддоӣ сахт вобаста кардаанд. Мувофиқи ин ривоят Канишка ба дини буддоӣ гузашта, пайрави маҳкамэътиқоди ин дин шуд. Вай бинову иншоотҳои сершумори дини буддоӣ – ступаҳо, виҳорҳо ва ғайра сохт. Ривоят ҳаст, ки Анҷумани севуми буддоӣ маҳз бо ташаббуси ӯ ҷамъ шудааст.

Албатта, дар ин ривоятҳои буддоӣ иғроқу муҳобот бисёр аст, вале баъзе нуктаҳои он дар маъхазҳо ҳам зикр шудааст. Масалан, Берунӣ хабар медиҳад, ки Канишка дар Пишовур Каникчайтя ном маъбаде сохта будааст.[105]

Бешак, асоси ҳама ривоят ягон ҳодисаву воқеаи реалӣ аст. Дар ин бобат, чунин факт ҷолиби диққат мебошад; яке аз ниёгони Канишка шоҳи Кушон Вима Кадфиз дар тангаҳои худ фақат як худои ҳиндуҳо–Шиваро тасвир мекард. Вале дар тангаҳои Канишка ва ворисы вай Хувишка расми ин худо бошад ҳам, дар байни расмҳои сӣ худои дигар ҷойи назарногире доранд.[106] Дар байни ин худоҳо расми Буддо ва катибаи «Буддо» ва «Буддо Шакямуни» ҳастанд.

Дар тангаҳои Канишка дигар худоҳо, масалан, худоҳои антиқӣ ҳам тасвир шудаанд. Дар байни ин худоҳо худоҳои кеши зардуштия – худои ғалаба ва бод Вэрэтрагна, Анаҳитои машҳур, худои офтоб ва ғалаба Митра, рамзи сарват ва ҳукми подшоҳӣ Фарро барин худоҳо ба назар мерасанд. Вале олимон ба як ақида наомадаанд, ки ин серхудоӣ инъикоси авзои ҳақиқии дини Кушониён аст ё сабаби он мақсади сиёсӣ мебошад, яъне бо ҳамин роҳ табақаҳои гуногуни давлати беканори Кушонро дилгарм карданӣ буданд. Маҳз дар аҳди Канишка бори аввал дар тангаҳо ба забони бохтарӣ (на юнонӣ) навиштаҷоте пайдо шуд, ки бо намуди кушонии хатти юнонӣ иҷро шуда буд. Ин навигарии Канишка хеле бамаврид баромад, ки минбаъд ҳам дар тангаҳои кушонӣ истифода мешуд.

Хулоса, дар аҳди Канишка дар соҳаи маданияти маънавӣ дигаргуниҳои калон ба вуқӯъ омад, дар баробари хеле озод будани дигар динҳо дини буддоӣ эътибори бештаре пайдо карда, ба он худи подшоҳ ҳам муътақид мешавад, забони бохтарӣ аҳамияти бештаре пайдо карда, аз афти кор, ба забони расмӣ (ё худ ба яке аз забонҳои расмӣ) мубаддал мегардад.

---

[101] Тафсилоти ин масъаларо ниг.: Василев Л.С., 1955.
[102] Бичурин II, с. 232; Chavannes E., 1907, p. 205.
[103] Pulleyblank E., 1906-1968, p. 117-121.
[104] Ghirshman R., 1946, p. 145-146.
[105] Берунӣ, 1963, с.360.
[106] Зеймал Е. В., с. 40-41.



**Тангаи кушону сосонӣ, ки дар он номи Варахрана зикр шудааст**

Дар аҳди Канишка танга бисёр бароварда мешуд. Ҳунармандӣ ва тиҷорат равнақ меёбад. Давлати Кушон ба авҷи иқтидори худ мерасад. Вале дар айни ҳол, таъсири дигар қувваҳои марказгурез зӯр мешавад, яъне бениҳоят гуногун будани мулкҳои ҳайати давлати Кушон, муқобилати баъзе ҳокимон ва сиёсати таҷовузкоронаи давлати Сосониён, ки дар рӯйи харобаҳои давлати Порт дар Эрон ба вуҷуд омада (соли 226 эраи мо), акнун қувват мегирифт, амнияти давлати Кушонро халалдор мекарданд.

## Таназзули давлати Кушон. Кушониён ва Сосониён

Мувофиқи катибаҳои ҳиндӣ баъди Канишка ба тахт Васишка нишаст, вале тангае бо номи ӯ нест, тангаҳое ҳастанд, ки дар онҳо Хоэрко (аслан Хоэшко, зеро дар хатти бохтарӣ овози «ш» бо «р» ифода мешуд) зикр шудааст ва ӯро аз рӯйи дар катиба чи гуна талаффуз шуданаш Хувишка[107] мегӯянд. Вай зиёда аз сӣ сол ҳукмронӣ кардааст. Аз ҷумлаи дигар шахсоне, ки тӯлонӣ дар сари идораи давлат нишаста буданд, Васудеваро ном бурдан лозим. Дар аҳди Васудева аз расмҳои худоҳои бисёри рӯйи тангаҳо боз фақат расми Шива мемонад. Зимнан, чи тавре Е.В.Зеймал ҳам ба ин ишорат кардааст, дар тангаҳои Васудева (чунончи, дар тангаҳои Вима Кадфиз) расми Шива чунон кашида шудааст, ки ба навъҳои сонитари тасвироти вай хос буда, ба ҳамон фирқаи шиваизм мансуб аст, ки дигар хел динҳоро бо таассуби тамом мутлақо эътироф намекард.[108]

Дар боло хотирнишон намудем, ки давлати Сосониёни Эрон қувват мегирифт. Шоҳи Сосониён Шопури I (солҳои 242-272 э. н.) солҳои 40-уми асри III э. н. ба шарқ лашкар мекашад. Дар катибаи худ Шопур ва ворисони ӯ худро «шоҳони Сакистон, Туристон ва Ҳиндустон то каронаи дарё» номидаанд.[109]

---

[107] Дар бораи давраи ҳукмронии Хувишка маълумот кам аст, бинобар ин даъвои Б.Н.Пурӣ – «аҳди Хувишка, эҳтимол, давраи аз ҳама мутараққии таърихи Кушон мебошад» (Puri B. N., 1965, p. 16), ягон асоси реалӣ надорад.

[108] Зеймал Е.В., 1965, с. 14. Дар бораи авзои шиваизм дар давраи Кушониён ниг.: Puri B. N., 1965, p. 138–139.

[109] Луконин В. Г., 1969, с. 34–37.

Ба фикри В.Г.Луконин, ба Шопури I, дарвоқеъ, муяссар шудааст, ки аз афти кор, танҳо ноҳияҳои дурдасти собиқ давлати Порт, аз ҷумлаи Марв ва Систонро ба худ тобеъ намояд.

Дар боло катибаи соли 262-юми «Каъбаи Зардушт»-ро роҷеъ ба Кушоншаҳр зикр карда будем. Дар ин катиба пеш аз рӯйхати ноҳияҳо (аз ҷумлаи онҳо Кушоншаҳр) Шопури I мегӯяд, ки «Ҳукмам равост» ва баъди рӯйхат бошад, илова мекунад: «Ҳамаи онҳо боҷ медоданд ва итоат доштанд». Ақидае ҳаст, ки эҳтимол Кушоншаҳр худаш дар ҳайати давлати Сосониён набошаду фақат боҷдеҳи он бошад[110], вале одатан, чунин мешуморанд, ки Кушоншаҳр дар ҳайати давлати Сосониён буд[111]. Кушоншаҳр чӣ қадар дар ҳайати давлати Сосониён буд?

Ин алҳол муаммои ҳалношуданӣ мебошад (шояд, ки ин ба шоҳони сосонӣ итоат доштани ҳокимони Кушон бошад). Хабари сарчашмаҳо ба якдигар мувофиқат надоранд ва ҳатто хилофи ҳамдигаранд. Аз як тараф, муаррихи араб Табарӣ менависад, ки нахуст аз Сосониён Ардашери I Марв, Балх, Хоразмро «то ҳудуди ақсои Хуросон»[112] забт кардааст. Одатан ин хабарро дуруст мешуморанд ва танҳо баъзе олимон ба он шак доранд[113]. Агар фарз кунем, ки хабари Табарӣ дуруст аст ва асли маънои навиштаҷоти «Каъбаи Зардушт» ҳамон мебошад, пас ба ин нуктаҳо як шаҳодате, ки аз маъхазҳои монавия бармеояд, хилоф мешавад.

Асосгузори мазҳаби монавия Монӣ дар миёнаҳои солҳои 70-уми асри III ба шарқ Маар Уммо ном воизеро фиристода буд. Ин воиз аз Хуросон гузашта, ба ҳудуди Кушон расид, баъдтар ривоят ҳаст, ки ба Замба (Замм–шаҳр ва убургоҳест дар Амударё дар қарибии Каркии ҳозира) омадааст. Аз афти кор, охирин маҳалли саёҳати Маар Уммо–шаҳри Варучан (дар қарибии Балх) дар зери ҳокимияти шоҳони Кушон ё худ шояд дар зери ҳокимияти олии давлати Сосониён буд ё ба он итоат дошт.[114]

Хулоса, ба Сосониён ба ҳар ҳол муяссар шудааст, ки ба Кушониён зарбаи сахт зананд ва қисми бисёри мулкҳои онҳоро кашида гиранд. Вале кай?

Масъалаи санаи аз давлати Сосониён шикаст хӯрдани давлати Кушон бе ҳалли масъалаи муайян намудани санаи сосонукушонӣ ва кушонусосонӣ ном тангаҳо ҳал карда намешавад. Ба тадқиқи ин масъала А.Каннингэм, Э.Ҳерсфелд, А.Бивар, В.Г.Луконин, Р.Гёбл барин муаррихон ва нумизматҳо машғул шудаанд. Як қисми ин тангаҳо мисли тангаҳои сосонӣ сикка зада мешуданд. Дар ин тангаҳо бо забони форсии миёна хат ҳаст. Ин тангаҳоро зарробхонаҳои Марв ва Ҳирот мебароварданд. Дигар хел тангаҳо мисли тангаҳои давраҳои охири давлатии Кушон бароварда мешуду дар онҳо номи Васудева буд. Хатти ин тангаҳо ҳам ба забони форсии миёна, вале он бо ҳуруфи кушонӣ навишта шудааст ва зимнан, дар баъзеи онҳо калимаи «Бахло» (яъне Балх) ҳаст. Ба тахмини Э.Ҳерсфелд, ҳамаи тангаҳое, ки ба тангаҳои Кушониён шабоҳат доранд, дар Балх[115] сикка зада мешуданд, ҳатто ҳамон тангаҳо, ки дар онҳо номи шаҳр нест, низ аз Балх мебаромаданд. Вале Бивар ин иддаоро ҳаққонӣ зери шак монда, ақидае изҳор намуд, ки зарробхонаи асосӣ дар қарибиҳои Кобул воқеъ буд[116].

---

[110] Дар ҳамон ҷо, с. 31.
[111] ИТН, I, с. 367; Лившитс В. А., 1969, с. 56.
[112] Nöldeke Th., 1879, s. 17–18.
[113] Луконин В. Г., 1969 а, саҳ. 22–27.
[114] Матнҳои Монӣ роҷеъ ба ин саёҳат аз тарафи В.В.Ҳеннинг (1944, p. 85–90, 1950, p.94) тадқиқ шудаанд.
[115] Herzfeld E., 1931, p. 11.
[116] Bivar A. Д. H, 1956, p. 17.



**Аскарони Кушон (аз рӯйи муҷассамаи Холчиён)**




**Шоҳони Кушон дар либоси ҷангӣ**
**1 – аз рӯйи тангаи Канишкаи III, 2 – аз рӯйи тангаи Висудева**

Дар яке аз тангаҳо чунин катибае ҳаст: «Муъмини Маздак, подшоҳи Ҳурмузд, шаҳаншоҳи аъзам» ва илова бар ин номи зарробхонаи Марв зикр шудааст. Дар дигар тангаҳо номҳои Ардашер, Пирӯз, Вароҳран ба назар мерасад. Пештар баъзе олимон, аз ҷумла, Э.Ҳерсфелд тахмин доштанд, ки фарз кардем Ҳурмузди тангаҳои кушонусосонӣ ин ҳамон шаҳаншоҳи Эрон Ҳурмузди II (солҳои 302–309) аст ва ғайраву ва ҳоказо. Дар натиҷаи таҳлили муфассали таърихӣ В.Г.Луконин ба чунин хулоса омад, ки ин тавр бевосита айният додан ғалат аст. Вай исбот мекунад, ки тангаҳои кушонусосонӣ (ва ҳам сосонукушонӣ)-ро шоҳзодагони Эрон (ки баъзе аз онҳо умуман шаҳаншоҳи Эрон нашудаанд) аз миёнаҳои асри IV то миёнаи асри V-уми милодӣ мебаровwarданд.[117]

Қабули ин нукта ба андозае тақвияти ақидаи санаҳои сонитари аҳди шоҳони Кушон ва заволи давлати Кушон аст, яъне ин сана на асри III, балки асри IV мешавад. Вале далелҳое ҳастанд, ки фарзияи В.Г.Луконинро рад мекунанд. Алҳол хулосаи қатъӣ баровардан мумкин нест. Заволи давлати Кушон кори якбора набуд, балки амале буд, ки дар муддати тӯлонӣ, бо таъсири сабабҳои берунӣ ва дохилӣ ба вуқӯъ мепайваст.



**Холчиён. Намуди реконструксияшудаи қаср**

Мо муносибати Кушониён ва давлати Сосониёнро дида баромадем. Вале давлати Кушон маҷбур буд, ки зидди чандин самт мубориза барад ва дар дохили худи Кушониён ҳам ким-чи хел ҷойивазкунии қувваҳо ба амал меомадааст. Аз ҷумла, дар ин бора солномаи хитоӣ далолат мекунад: «...Шоҳи диловари йуҷиҳо Сидоло бо лашкари худ аз кӯҳҳои баланд гузашта, ба Ҳиндустони шимолӣ ҳамла кард ва панҷ давлатро, ки шимолтари Гантоло

[117] Луконин В. Г., 1967.

(яъне Қандаҳор) воқеъ буданд, забт намуд».[118] «Шоҳ Сидоло» номи хитоии Кидара ном ҳокими Кушониён аст, ки дар нимаи дувум ё аниқтараш дар охири асри IV дар қисми зиёди давлати пештараи Кушон ҳукми худро ҷорӣ карда буд. Дар айни ҳол, як қисми Осиёи Миёнаро қабилаҳои навомадаи хиёниҳо забт карданд. Ниҳоят ҳокимият ба дасти Ҳайтолиён гузашт. Ҷангҳои доимии асрҳои IV–V аҳволи Осиёи Миёнаро ниҳоят табоҳ карданд.

## 4. ШАҲРҲО ВА МАНЗИЛҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ КУШОН

### Бохтари шимолӣ

Ба туфайли тадқиқотҳои муфассалу мунтазами археологии территорияи Осиёи Миёна, Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон имкон шуд, ки масъалаи як навъ тамаддуни шаҳрӣ будани империяи Кушонро пеш гузорем. Бағром барин шаҳрҳои калони давраи Кушониён (дар наздикии шаҳри Кобул) – Каписаи қадим[119], Таксила (қарибии Равалпиндӣ) – Таккасила ё Такшашилаи Ҳиндустони Қадим[120], Чорсада (шимолу шарқтари шаҳри Пишовур) – Пушкалаватии қадим[121] барин шаҳрҳои калон тадқиқ шудаанд. Экспедитсияи археологии советию афғон яке аз калонтарин шаҳрҳои ҷануби Бохтар – Дилварзинтеппаро тадқиқ карда истодааст. Ин шаҳр қариб 36 га вусъат дошта, дар 40 км шимолу ғарбии шаҳри Балх воқеъ аст[122]. Экспедитсияҳои археологии советӣ дар Осиёи Миёна чандин шаҳру манзилҳои давраи Кушонро ҳафриёт кардаанд. Материал ба андозае калон аст, ки мо дар бораи баъзе осори тадқиқшуда интихобан мухтасар маълумот медиҳем. Яке аз шаҳрҳои калонтарини Бохтари шимолӣ дар давраи Кушон шаҳри Тирмиз буд. Шаҳр дар ин мавзеъ (дар қарибии шаҳри ҳозираи Тирмиз) дар муддати қариб ҳазорҳо сол вуҷуд дошт, бинобар ин болои табақаҳои археологии давраи Кушониёнро табақаҳои давраҳои сонӣ пӯшидаанд. Вусъати Тирмиз дар давраи Кушониён калон буд. Дар шаҳр марказҳои калони ибодат – маъбадҳои буддоии Қаротеппа ва Фаёзтеппа ҷой доштанд. Дар шаҳр бисёр устохонаҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла, дӯконҳои кулолӣ буданд.

Тирмизи кушонӣ яке аз марказҳои истеҳсоли филизот (ва аз афти кор, маркази саноати филизӣ) буд, дар қабатҳои археологии давраи Кушониён бисёр пораҳои шахшудамондаи маъдани гудохта ёфт шудаанд, ки дар рафти гудозиши ҳамонвақтаи маъдан пайдо мешуданд. Бинобар баъзе боқимондаҳои қисмҳои биноҳои сангин гуфтан мумкин, ки дар Тирмиз бисёр иншоотҳои калони меъморӣ вуҷуд доштанд.

[118] Бичурин, II, саҳ.264.
[119] Hackin J., Hackin R., 1939; Ghirshman R., 1946; Hackin J., Hackin R., Carl J., Hamelin P., 1954; Гиршман Р., 1946.
[120] Marshall J., 1956; Ильин Г. Ф., 1958.
[121] Wheeler M., 1962.
[122] Ниг.: Кругликова И. Т., 1974; Кругликова И. Т., Сарианиди В. И., 1976.

Ба туфайли тадқиқи саросари осори археологии ҷануби Тоҷикистон ва ҷануби Ӯзбекистон имкон шуд, ки якчанд марказҳои шаҳрии воҳаҳои зироаткор муқаррар карда шавад. Ин марказҳо асосан дар минтақаҳое ҷой гирифтаанд, ки соҳиби шабакаи мустаҳками обёрӣ мебошанд ва дар гирду атрофи онҳо бисёр дигар манзилҳои хурди зироаткорӣ воқеъ гардидаанд. Дар водии Сурхондарё калонтарин марказҳои шаҳрӣ димнаҳои Дилварзинтеппа, Хайрободтеппа, Ҷондавлаттеппа[123] ва Зартеппа[124] буданд.

Дилварзинтеппа, ки дар қарибии шаҳри Деҳнави ҳозира мебошад, димнаест, ки қариб 28 га вусъат дорад ва аз рӯйи масоҳат дар шимоли Бохтар баъди Тирмиз ҷойи дувумро мегирад. Аз асрҳои III–II пеш аз милод сар карда, Дилварзинтеппа маркази ноҳияи калони зироаткорӣ мегардад. Тарҳи аниқу дақиқи чоргӯшаи шаҳр, ки гирду атрофаш ҳисори мустаҳкаме дорад, далолат мекунад, ки он аз рӯйи нақшаи пешакӣ сохта шуда буд. Аз биноҳои он қасрҳои ашроф ҷолиби диққат аст, ки толори азими сутундори ташрифот ва гирдогирд долон дорад, ки ба хонаҳои сершумори истиқоматӣ ва хоҷагӣ аз ин долон гузаштан мумкин буд. Дар яке аз ин хонаҳо кӯзачае ёфт шуд, ки пур аз чизҳои тиллоӣ мебошад. Дар маҳаллаҳои дигари шаҳр биноҳои одитар ҳам муфассал тадқиқ карда шуданд. Алалхусус, гузари кулолон ҷолиби диққат аст, ки хумдонҳо асосан аз ҳамин ҷо кашф шудаанд[125].

Дар Зартеппа, ки аз афти кор, маркази қадимии обёрӣ будааст, ҳафриёти бинои калоне сар шуд, ки он дар маркази димна воқеъ мебошад ва зоҳиран ба қаср шабоҳат дорад[126].

Дар қарибии Шаҳринав ҳам як шаҳри калон буд, ки тӯли деворҳои он ба 7 км ва вусъати умумии майдонаш ба 350 га мерасид. Аз ин ҷо ғайр аз тангаҳо, бошаҳои аҷоибе ёфт шудаанд, ки дар он тасвири сангии одамон ва ҳайвони афсонавӣ дида мешавад[127].

Шаҳри Кайқубодшоҳ (ноҳияи Шаҳритуз), ки ҳанӯз дар давраи Юнону Бохтар таъсис ёфта буд, дар давраи Кушониён низ вуҷуд дошт ва дар ноҳияи поёноби Кофарниҳон маркази калони минтақаи зироаткорӣ буд. Шаҳр деворҳои мустаҳками мудофиавӣ дошт, ки майдони чоркунҷаи (375х285 м) шаҳрро иҳота карда буд. Дар тарафи дарози ин чоркунҷа 9 бурҷ ва дар тарафи кӯтоҳи он 7 бурҷ ба назар мерасид. Ғайр аз ин дар ҳар гӯша низ гулдастае буд. Ҳамаи бурҷҳо чоркунҷаанд. Ҳафриёти баъзе қисмҳои девор нишон дод, ки аз дарун, қад-қади девор, долоне тӯл мекашид ва он ба чанд қисм тақсим шуда буд. Пайваста ба долон хонаҳои чоркунҷа ҷой доштанд. Аз ин ҷо ашёи зиёде, аз ҷумла, сафолот, ҳайкалчаҳо, асбоби зебу зинат ба даст омад[128].

Аз Ёвони ҳозира 8 км дуртар дигар як шаҳри кушонӣ воқеъ буд. Вусъати ин шаҳр ба 40 га мерасид. Ин ҷо дунгие ҳаст, ки ба арк шабоҳат дорад. Пайваста ба ин дунгӣ теппае ҳаст (баландиаш 8 м), вусъаташ 380–200 м мебошад. Тамоми ин майдонро девор печонида гирифтааст. Берун аз ин девор баъзе ҳавлиҳои алоҳида ва сағонаҳо воқеъ буданд. Ҳафриёт асосан дар

[123] Массон В. М., 1974.
[124] Албаум Л. И., 1960.
[125] Пугаченкова Г. А., 1966; 1966 б; 1971; 1973; Пугаченкова Г. А., Турғунов Б. А., 1974.
[126] Шетенко А. Я., 1974.
[127] Давидович Е. А., 1956, с. 76-77; Мухторов А., 1975, ҷилди 2, с. 374-377.
[128] Кузмина Е. Е. ва Певзнер С. Б., 1956; Манделштам А. М. ва Певзнер С. Б., 1956.

майдони арк ва инчунин дар дигар ҷойҳо гузаронда шуд. Қатори иморатҳо ёфт шуданд, ки хонаҳои на чандон калон буда, гурӯҳ-гурӯҳ қад-қади ду тарафи тангкӯча ё роҳрави сарбаста ҷой гирифтаанд. Дар давраҳои охир хонаҳо, эҳтимол, дуошёна буданд. Боқимондаҳои иморатҳои давраҳои пештар ҳам ёфт шуданд. Табақаи даҳметраи арк аз боқимондаҳои иморатҳои панҷ давра иборат мебошад ва зимнан, санаи табақаи аз ҳама поёни асри I-уми то милоду ҳудуди эраи нав ва санаи табақаи аз ҳама боло асрҳои IV–V эраи нав аст. Таҳаввулоти маданияти моддӣ, алалхусус, таҳаввулоти санъати кулолӣ равшан ба назар мерасад. Аз ин ҷо ашёи устухонӣ (масалан, сӯзанаки саракаш мунаққаш), зарфу ҷиҳози филизӣ – ӯғурчаҳо, дастосҳо ва ғайра ёфт шудаанд[129].

Мисоли деҳаи хурдакаки зироаткории давраи кушониён дар Бохтари шимолӣ манзилгоҳи Оққӯрғон мебошад, ки дар қарибии шаҳри ҳозираи Шерободи вилояти Сурхондарё воқеъ аст. Ин манзилгоҳи на он қадар калонест, ки масоҳаташ аз 0,5 га андаке зиёд мебошад ва иборат аз чанд биноҳои бисёрхонаест, ки онҳо бо тангкӯчаҳо аз ҳам ҷудо карда шудаанд. Мувофиқи маълумоти археологӣ машғулияти асосии аҳолӣ зироаткорӣ, чорводорӣ ва майдакосибӣ буд[130]. Ҳамин гуна манзилгоҳҳо дар ноҳияи Шаҳритузи РСС Тоҷикистон (Қабодиёни қадимӣ) – Теппаи Шоҳ[131], Оқтеппаи II ва ғайра ҳафриёт шуда истодаанд.

Яке аз машҳуртарин осори ин давра маҷмӯи Холчиён (қарибии Деҳнав) мебошад. Дар ин ҷо, дар Хонақоҳтеппа, масалан, бинои қасре (ё маъбаде) ҳаст. Пеши ин иморат ба намуди айвони Чорсутундори дарозиаш 16,5-метра сохта шудааст. Аз ин айвон ба воситаи се дар (як дари мобайнӣ ва ду дари паҳлуӣ) ба толоре даромадан мумкин, ки бараш хеле тӯлонӣ аст. Аз пешгаҳи толор даре кушода мешавад, ки ба хонаи дусутундор мебарад. Ғайр аз ин, хонаву долонҳои иловагӣ ҳастанд. Деворҳои ин хонаҳо бо ҳайкалчаи ниҳоят зебои сафолӣ, ки композитсияҳои мукаммалро ташкил медиҳанд ва бо расмҳо оро ёфтаанд. Аз Хонақоҳқтеппа дигар хел иморатҳо, аз ҷумла, биноҳои дуошёна ёфт шудаанд.

## Суғд, Фарғона, Чоч, Хоразм

Шаҳру манзилҳои давраи Кушониёни Суғд, Фарғона, Чоч нисбат ба шаҳру манзилҳои давраи Кушониёни Бохтари шимолӣ хеле камтар тадқиқ шудаанд.

Калонтарин шаҳри он давра Самарқанд буд. Дар Суғд дигар манзилҳои хурдтар ҳам вуҷуд доштанд, ки аз ҷумлаи онҳо дизаки Тали Барзуро[132] номбар кардан мумкин.

Дар ноҳияи Фарғонаву Истаравшан, қарибии Бегобод димнаи Мунчоқтеппа, деҳае дар ҷойи қалъаи Ленинобод, дар қарибии Ашт, Шӯробшат, Ҷинтеппа ва ғ. манзилҳо ҳастанд. Маданияти моддии манзилҳои Фарғона хусусияти ба худ хос дошт. Дар худи дохили Фарғона ҳам фарқиятҳои калон ба назар мерасад.

---

[129] Литвинский Б. А., 1967 а.
[130] Пидаев Ш. Р., 1976.
[131] Литвинский Б. А., 1967.
[132] Дар ин бора ниг.: Григорев Г. В. 1940 а; 1940 б; Ставиский Б.Я., 1967.

Дар ноҳияи маҷрои мобайни Сирдарё дар хоки вилояти Фарғона ва атрофи он маданияте ривоҷ меёбад, ки аз номи манзили Қавунчӣ ва сағонаи Ҷуно маданияти Қавунчию Ҷуно ном гирифтааст. Табақаҳои поёнии манзили Қавунчӣ ба асрҳои II–I пеш аз милод мансубанд ва он то миёнаҳои ҳазорсолаи I пеш аз милод вуҷуд дошт. Димнаҳои Мингариқ, Олимбойтеппа, Кеҳиттеппа, Оқтеппа ва Шавушқумтеппа[133] ва ғ. ба ҳамин давра тааллуқ доранд.



**Димнаи Тупроққалъа, асрҳои III эраи нав. Қисме аз ҳайкали сари мард. Гаҷ**

Дар Хоразм ҳам шаҳру манзилҳои бисёре буд. Аз ҳама муфассалтар шаҳре тадқиқ шудааст, ки ҳоло Тупроққалъа ном гирифтааст. Тарҳи шаҳр росткунҷа буда, атрофи он (500х350 м) аз хишти хом деворе дорад, ки дар он тиркашу бурҷҳо будаанд. Аз мобайни шаҳр кӯчаи танге мегузашту дар ду тарафи он маҳаллаҳои калон ҷойгир буданд.

Бинои асосии шаҳр қасри муҳташами себурҷае буд, ки он қароргоҳи оли шоҳони Хоразм ҳисоб мешуд. Ин қалъаи фатҳнопазир, ки ба баландии 25 м қад афрохта буд, намуди босалобате дошт. Миёнҷои қаср майдони фарохе (80х80 м) буд. Хонаҳо дуошёна буданд. Якчанд толорҳои калон, аз ҷумла, толори азиме – «Толори шоҳон» (вусъаташ 280 $м^2$) ёфт шудаанд.

Таг-таги девори «Толори шоҳон» қатор-қатор суфачаҳо сохта, онҳоро бо деворчаҳои паст аз ҳам ҷудо кардаанд. Дар ин суфачаҳо муҷассамаҳое гузошта шудаанд, ки шоҳу малика ва аъёну ашрофи Хоразм ва инчунин худоҳоро

[133]Левина Л.Н., 1967, Максимова А. Г. ва дигарон, 1968.

тасвир менамоянд. Дар девор ва даруни тоқчаҳо суратҳои бениҳоят дилкаш кашида шудаанд. Дигар хонаву толорҳои қаср ҳам бо муҷассамаву ҳайкалчаҳо ва бо нақшу нигор зинат ёфтаанд. Аз биноҳои хоҷагӣ ҳамон биноҳоеро ном бурдан лозим, ки гӯё як навъ «қӯрхонае» буданд. Инчунин боқимондаҳои архив[134] ба даст омадаанд.

## 5. ИҚТИСОДИЁТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ КУШОНИЁН

### Хоҷагии қишлоқ. Обёрӣ

Тадқиқи муфассали археологии майдонҳои фарох нишон медиҳад, ки дар он давра тамоми ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна барои зироат истифода мешуданд. Дар водиҳо бо киштукор (асосан киштукори обӣ) ва чорводорӣ машғул буданд. Алалхусус, ирригатсия ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Дар Хоразм, дар водии Зарафшон ва дар дигар ҷойҳо каналҳои бисёре кофта шудаанд. Каналҳои қадимии давраи Кушониён дар хоки Тоҷикистон ҳам, масалан, дар водии Вахш ёфт шуданд. Барои обёрӣ на фақат оби дарё, балки оби чашмаҳо низ, ки дар он давра, бешак, хеле бисёр буданд, истифода мешуданд. Масалан, дар шимоли водии Вахш заминҳо асосан аз канали дарёи Вахш об мехӯрданд, вале якчанд манзилҳо, масалан, димнаи Ҳалқаҷари қарибии посёлкаи Уялӣ аз дарё хеле боло ҷой гирифта буд, ки ҳозир ба заминҳои он ҷо фақат бо насос об мебароранд. Дар давраи Кушониён тамоми заминҳои ин манзилҳо аз оби чашмаҳои кӯҳӣ шодоб буданд. Дар айни ҳол, чунонки дар водии Ёвон маъмул буд, дар ин ҷо ҳам лалмикорӣ мекарданд. Лалмикорӣ дар ноҳияҳои доманаи кӯҳҳо ва дар кӯҳистон низ расм буд. Дар давраи Кушониён саросари водии Зарафшони боло то Мастчоҳи ҳозира аз худ шуда буд[135].

Маълум, ки техникаи зироат бениҳоят сода буд. Фақат дар обёрӣ пешравии калон ба назар мерасад. Ҳангоми ҳафриёти Тали Барзу позаи оҳанин ёфт шуд[136].

Аз асри I милодӣ осиё маъмул шудан



**Ҳуҷҷати рӯйи тахта аз архиви қасри Тупроққалъа**

[134] Толстов С. П., 1962, с. 204-226; Рапопорт Ю. А., 1968; Неразик Е. Е., 1969.
[135] Ставиский Б. Я., 1961.
[136] ИТН, I, с. 360–370.

гирифт. Қадимтарин дастосҳо аз сағонае дар кӯҳи Қаромазор ба дасти мо расидаанд. Аввал осиё хеле хурд буд, баъд калон шудан гирифт ва андозаи онҳо, алалхусус, дар асрҳои III–IV хеле калон шуда рафт.

Маъхазҳои хаттӣ ва бозёфтҳои археологӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи Кушониён зироаткорони Осиёи Миёна тамоми анвои зироати дар асрҳои миёна ҳам маъмулро – зироати ғалла, техникӣ, ангуру мева ва алафу хошок кишт мекарданд ва парвариш менамуданд. Ниҳоят зиёд будани анвои зироат ҷолиби диққат аст. Масалан, дар асрҳои III–IV милодӣ дар Хоразм ҳам навъи махсуси шаробӣ ва ҳам хӯрокии ангур рӯёнда мешуд. Ба туфайли селексияи халқӣ, ки аз авлод ба авлод идома дошт, навъҳои серҳосили зироат пайдо шуданд, ки ба шароити маҳал хеле мувофиқу муносиб буданд. Бесабаб нест, ки халқҳои кишварҳои ба Осиёи Миёна ҳамсоя бисёр анвои зироатро маҳз аз мардуми Осиёи Миёна ёд гирифтанд (масалан, хитоиҳо кишти юнучқа ва парвариши чормағзро аз халқҳои Осиёи Миёна ёд гирифтаанд).

Дар водиҳои байникӯҳӣ, масалан, дар водии Фарғона барин ҷойҳо чорводории яйловӣ равнақ дошт ва ин гуна чорводорон ҳаёти нимкӯчманчигӣ ба сар мебурданд. Чорвои хушзоти Фарғона, алалхусус, аспҳои Фарғона мисли пешина боиси ҳасади ҳамсоягон буду дар хориҷи Фарғона бисёр ба фурӯш мерафт.

## Бинокорӣ ва ҳунармандӣ

Ҳангоми ҳафриёти археологӣ чунин намудҳои иморату иншоот ёфт шуданд: 1) қасрҳо, 2) маъбадҳо, 3) биноҳои истиқоматӣ, 4) корхонаҳо, 5) анборҳо, 6) қалъаҳо, 7) иншооти обёрӣ ва ғ. Аксари ин иморату иншоот алоҳида набуда, балки пайваста бо дигар намудҳо бино ёфтаанд. Вазифа ва таъйиноти ин ё он иморату иншоотро аниқ муқаррар кардан мумкин не, масалан, қасри Холчиён, эҳтимол, қаср не, балки маъбад бошад.

Биноҳои ҷамъиятӣ одатан хеле муҳташам мебошанд. Қасру кохи ҳокимон ниҳоят калон буда, дар болои ягон баландӣ сохта мешуданд ва дар атрофи худ девори мустаҳкам доштанд. Толорҳои васеи шифтбаланд бо муҷассамаву ҳайкалҳо ва нақшу нигори зиёд зинат дода мешуданд. Девори биноҳо одатан хеле ғафс буд.

Дар байни ибодатгоҳҳо бошад, баъзан маъбадҳои хурд ҳам дучор мешаванд. Масалан, миёнҷои маъбади буддоии Ҳайратон (дар қарибии Тирмиз) хеле танг аст. Вале ҳамин маъбад ҳам ороишоти аҷоибе дорад (арақаи машҳури Ҳайратон).

Сифати иморатҳои манзилгоҳҳои хурди зироаткорӣ он қадар баланд набуд. Аксари ин иморатҳо хоначаҳои гилини амонат сохташудае мебошанд, онҳо ду-ду ё се-се ба ҳам пайваст шуда, дар атрофи ҳавличаҳои хурд гирд оварда шудаанд.

Иморатҳои марказҳои калони шаҳрӣ бо санъати баланди бинокорӣ сохта шудаанд. Асоси ин санъат нақшаи ягонаи биносозӣ мебошад, вале, рости гап, ин нақша дар ҳар ҷо ҳар хел ба амал татбиқ карда мешуд. Вале, умуман, асоси ин нақша ҳамин буд, ки хонаҳои муҳимми ташрифотӣ пайи ҳам дар як қатор ҷой мегирифт, масалан, айвон – дар паси он даҳлез – дар паси даҳлез толор ва гирдогирди бино долон ва пайваста ба он хонаҳои гуногуни хоҷагию маишӣ.

Ба осори гуногун хос будани як нақшаву усули умумии биносозӣ, аз афти кор, ба мо ҳақ медиҳад иддао кунем, ки усули махсуси меъмории бохтарӣ ташаккул ёфта буд ва он аз давраҳои токушонӣ бармеояд[137]. Дар айни ҳол, гуногун будани сохту сифати биноҳо шаҳодат медиҳад, ки тақсимоти молумулкии ҷамъият вуҷуд дошт.

Муҳандисони қалъасози Осиёи Миёна комёбиҳои калон ба даст овардаанд. Деворҳои рахнанопазири қалъаҳо, ки онҳоро бурҷҳои овеза, садди мураккаби таги дарвоза ва тиркашҳои сершумор боз ҳам мустаҳкамтар мекарданд, санъати қалъасозии Осиёи Миёнаро ба дараҷаи беҳтарин санъати қалъасозии он давра боло бардошта буданд. Дар водиҳои Помири ғарбӣ Қаҳқаҳа ва Ямчун барин қалъаҳои азим сохтанд, ки дар сари роҳҳои асосӣ воқеъ буданд ва силсилаи истеҳкомҳои дарозмуддати ба ҳамдигар алоқамандро ташкил мекарданд[138].

Масолеҳи бинокорӣ гуногун буд. Барои деворзанӣ одатан похса ва хишти хомро истифода мебурданд (хишти хоме маъмул буд, ки андозаи паҳлуҳои он аз 32 то 44 см меомад). Дар кӯҳистон барои деворзанӣ тахтасанг ҳам ба кор мерафт. Хишти пухта кам истифода мешуд. Дар Бохтар ба шарофати идома доштани тарзу усулҳои бинокории эллинӣ ва мавҷуд будани масолеҳи лозимаи табиии бинокорӣ дар сохтмони қисмҳои асосии бино ва ороиши он масолеҳи сангиро бисёр истеъмол мекарданд – пойсутунҳои сангини гирда, ки онро пойсутунҳои муқаррарӣ ҳам меноманд ва пойсутунҳои мураккабнақши гуногуншакли «антиқӣ»; танаҳои сангини сутунҳо, бошаҳои бағоят базебу шинами сангин, ки ба бошаҳои навъи коринфӣ тақлидан сохта шудаанд ва ин навъи бошаро инкишоф медиҳанд (масалан, дар бошае, ки дар Шаҳринав ёфт шуд, сурати инсон ва грифонҳо ҳаст)[139]; таҳкурсии сангини сутунҳои чортароши сангин, ки нимаи он дар мағзи девор мебошад, аз ҳамин қабиланд. Танаи сутун ва болорро бисёр вақт аз чӯб ҳам мекарданд. Дар бомпӯшӣ сафолпораҳо ҳам истифода мешуд. Усули бомпӯшӣ ҳам ду хел буд: усули сутун бар болор ва усули бесутуни гунбазӣ. Дар омади гап, бо усули бесутуни гумбазӣ фақат болои биноҳои начандон калон пӯшида мешуд. Сақфҳо бо усули қаламаи моил таҳия мегардиданд.

Ҳунармандӣ ҳам дар шаҳрҳои калон ва ҳам дар деҳаҳои хурд равнақу ривоҷ ёфта буд. Мо инро ба туфайли ёфт шудани ашёи сершумори маданияти моддӣ ва дӯкону устохонаҳои бисёр нағз медонем. Масалан, аз бисёр ҷойҳо осори дӯконҳои кулолӣ падид омаданд. Маълум, ки кулолон чанд хел кӯраву хумдон доштанд[140]. Ҳайкалчаҳои сафолӣ ҳам дар ҳамин кӯраву хумдонҳо пухта мешуданд. Дар натиҷаи ҳафриёт маснуоти сафолӣ хеле бисёр дастрас шудааст. Навъу намуди зарфҳо шумор надорад. Сифати зарфҳо, хусусан зарфҳои хӯрокхӯрӣ ва ҷомҳо бағоят баланд аст. Масалан, ҷомҳое, ки аз сағонаи Тӯпхона (дар Ҳисор) ба даст омадаанд, ниҳоят нозуку нафис буда, ба дараҷаи олӣ сайқал дода шудаанд. Аз мобайн ду ҳазор сол гузаштаасту вале ҳоло ҳам

[137] Оид ба масъалаи таснифи нақшаи биносозии бехатарӣ ниг.: Пугаченкова Г.А., 1973; 1973 а; 1976 а.

[138] Дар бораи қалъаҳои Вахон ниг.: Бернштам А.Н., 1952; Бобоев А., 1955; 1973.

[139] Мухторов А., 1975.

[140] Масалан, ниг.: Пугаченкова Г.А., 1973; 1974.

кас ба онҳо нохун занад, мисли ҷомҳои булӯрин ҷарангос мезананд. Зарфҳои зиёфат нақшу нигори гуногуни муқарнасӣ доранд ва дастаи онҳо дар шаклу намуди пурпечутоби зебо сохта шудааст. Асбобу ашёи металлии рӯзгор ва зинат қариб дар ҳама ҷо истеҳсол карда мешуд. Зарфҳои биринҷӣ, шамъдонҳо, оинаҳо, дастпонаҳо, гӯшвораҳо, ангуштаринҳои гуногунро мардум бисёр истифода мебурданд. Анвои ин қабил асбобу ашё сершумор ва сифати он баланд аст. Қолабҳои рехтагарие ба даст омаданд, ки бо воситаи онҳо ин асбобу ашё сохта мешуданд.

Анвои ашёи шишагин ҳам хеле бисёр аст. Алалхусус, бисёр шадда ёфт шудааст ва дар байни онҳо шаддаҳои нақшини дурахшон ба даст омадаанд, ки ба сад ранг тобиш доранд, шаддаи нақшине ёфт шудааст, ки дар он тасвири одам ҳаст. Хусусан шаддаи дуқабатаи зарандуд намуди ҳайратангез дорад – дар мағзи он андак зарвараҷи ниҳоят тунук монда, баъд бо шишаи нафиси шаффоф рӯкаш кардаанд.

Маснуоти корхонаҳои аслиҳасозӣ ҳам гуногун буд. Аслиҳаи дурзани он замона – камон дар ин давра хеле такмил ёфт. Дар ин давра камони махсусу мураккабе маъмул гардид, ки аз панҷ қисм иборат буда, бо пулакчаҳои устухонӣ ё шохӣ хотамкорӣ карда мешуд. Ватани ин гуна камон Осиёи Миёна мебошад ва он баъдтар дар Эрони сосонӣ паҳн шуд. Ба ин сабаб номи ин камонро, ки дар адабиёти ғарб «сосонӣ» шудааст, дуруст гуфтан мумкин не, чи тавре олимони советӣ таклиф кардаанд, номи дурусти ин камон «камони кушону сосонӣ» мебошад. Ин навъи камон аз Осиёи Миёна баромада, ба сарматҳо гузашт ва аз он ҷо ба ғарб паҳн шуда, то худи Шотландия рафта расид, дар ҷануб дар Эрону Ҳиндустон ва дар шарқ дар Хитой расм шуд[141]. Ҳангоми ҳафриёти осори он давра дар Осиёи Миёна пулакчаҳои устухонию шохӣ ёфт шуданд, ки бо онҳо камонро хотамкорӣ мекарданд, аз баъзе ҷойҳо бошад, худи камон ё худ қисмҳои он ба даст омад, ки онҳоро ба осонӣ таъмир кардан мумкин аст. Тири ин камон аз чӯб ё аз най ва пайкони он аз оҳан буду чанд намуд дошт. Маъмултарин намуди пайкон пайкони оҳанине буд, ки се қирраи барҷаста дошт. Дар охирҳои ин давра пайконҳои оҳанине пайдо шуданд, ки шакли мураккаб доштанд[142].

Аскарон бо ханҷар ва шамшер мусаллаҳ буданд. Дар Осиёи Миёна, дар асрҳои якуми эраи нав, шамшерҳои дарози (то 1,2 м) калони дудамаи оҳанин истифода мешуданд, ки дастаи онҳо дарози миёнхамида буда, гулӯбанд надоштанд. Аз дигар навъҳои аслиҳа найза, табарзин, фалахмон ва ғайраро ном бурдан мумкин аст.

Барои бинокорӣ ва кори дӯкону устохонаҳо ашёи хом лозим буд. Истихроҷи маъданиёти гуногун дар давраи кушониён хеле афзуд. Аз таги замин маъданиёти гуногун[143], масолеҳи бинокорӣ, сангҳои қиматбаҳо ва ғ. истихроҷ менамуданд. Як қисми маҳсулоти маъданӣ ва ҳунармандӣ барои фурӯш ба хориҷа мерафт.

---

[141] Литвинский Б.А., 1965. Муқоиса кунед: Хазанов А.М., 1966.

[142] Литвинский Б.А., 1965.

[143] Шубҳае нест, ки тилло хеле бисёр истихроҷ карда мешуд. Аз афти кор, зарробхонаҳои Кушониёнро бо тилло асосан конҳои Осиёи Миёна таъмин мекарданд, дигар қисми лозимаи тиллоро аз Афғонистон, Ҳиндустон ва бо роҳи тиҷорат аз дигар мамлакатҳо мегирифтанд; эҳтимол, тангаҳои тиллоии римиро ҳам об карда, аз он тангаҳои кушонӣ месохтанд.

## Савдои дохилӣ ва хориҷӣ

Ба давраи Кушониён системаи мутараққии пулӣ, ниҳоят гуногун будани қимати тангаҳо ва хеле зиёд будани шумораи онҳо хос мебошад. Ҳамаи ин далолат мекунад, ки дар мамлакат истеҳсоли мол ва гардиши он дар амал буд. Ба ин муносибат чунин ҷиҳати масъала ҷолиби диққат аст, ки қисми зиёди тангаҳои кушонӣ тангаҳои мис буд. Ин нукта шаҳодати он аст, ки дар ҳаёти рӯзмарра муомилоти пул ҷараён дошт[144]. Дар баёни ҷанбаҳои таърихи давлати Кушон қайд шуда буд, ки тангаҳои Кушониён вобаста ба давраҳои гуногун хеле тағйир меёфтанд. Дар айни замон бояд гуфт, ки нумизматҳо то ба ҳол асосан танҳо ба масъалаҳои Кушониён ва тадқиқу таснифи тангаҳои Кушониён ва расму хатти рӯйи он тангаҳо ва ғ. машғул буданд. Ҷанбаи иҷтимоию иқтисодии ин масъала алҳол амалан тадқиқ нашудааст.

Дар баробари савдои дохилӣ савдои хориҷӣ ҳам хеле равнақ меёбад. Плиний (XII, 84) хабар медиҳад, ки аз Ҳиндустон, Туркистони шарқӣ, аз Арабистон ба империяи Рим моли бисёр (ба арзиши 100 млн сестерсий) оварда шуд. Як қисми ин мол аз хоки давлати Кушон, аз ҷумла, аз Осиёи Миёна рафтааст. Ба қавли Плиний (XXXIV, 145), ба империяи Рим аз Сарика оҳан меоварданд, ки қимати баланд дошт. М. Хвостов тахмин мекунад ки ба империяи Рим оҳани одӣ не, балки маснуоти оҳанӣ бурда мешуд[145]. Гуфтан мумкин, ки ақаллан як қисми ин молҳо, аз ҷумлаи он маснуоти оҳанӣ, дар ҳақиқат, моли Осиёи Миёна буд. Дар давраҳои сонитар дар асрҳои миёна аз хоки Осиёи Миёна бисёр оҳан ва маснуоти оҳанӣ ба хориҷа ба фурӯш мерафт, ки инро географҳои асрҳои IX–X-уми араб ҳам борҳо қайд кардаанд.

Мадраке ҳаст, ки тоҷирони Бохтар ба хоки империяи Рим масалан, ба яке аз марказҳои калонтарини тиҷорат – шаҳри Искандарияи Миср рафта буданд, аз дигар тараф, тоҷирони Рим ба Осиёи Миёна меомаданд[146].

Дар Осиёи Миёна маснуоти римӣ, инчунин тангаҳои римӣ[147] ниҳоят бисёр ёфт шудаанд ва ин бозёфтҳо возеҳ исбот менамоянд, ки робитаи Рим ва Осиёи Миёна хеле амиқ ва пуравҷ буд. Ба Осиёи Миёна оварда шудани молҳои римӣ (аниқтараш баҳри миёназаминӣ) боиси он гардид, ки истеҳсоли ин гуна молҳоро дар Осиёи Миёна ҳам ба роҳ монданд[148].

Асарҳои санъати римӣ ба таҳаввулоти санъати Осиёи Миёна, аз ҷумла, ба ташаккули санъати Қандаҳор, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон, дар Афғонистон ва аз афти кор, дар ҷануби Осиёи Миёна инкишоф ёфт, таъсири калон расонданд.

Бо Хитой ҳам робитаи савдо буд. «Роҳи абрешим», ки бо воситаи он ба ғарб корвонҳои абрешим мерафт, аз Осиёи Миёна мегузашт[149]. Маълум, ки як қисми он абрешим дар худи Осиёи Миёна фурӯхта мешуд, бинобар ҳамин, агар

---

[144] Массон В. М., Ромодин В. А., 1964, с. 183.

[145] Хвостов М. 1907, с. 156.

[146] Ставиский Б. Я., 1964, с. 180.

[147] Ба ахбори бозёфтҳо ниг.: Ставитский Б. Я., 1964 в; Массон В. М., 1966 а

[148] Дар ин бобат намунаҳои санъати навантиқӣ ва асарҳои тақлидан ба онҳо таҳиягашта, ки дар Осиёи Миёна ёфт шудаанд, ҷолиби диққат мебошанд (Литвинский Б.А., Турсунов Н.О., 1971).

[149] Дар бораи беҳтарин тадқиқоти маъхазҳои хаттии роҷеъ ба ин маърӯзаҳо ниг: Herrman A., 1938.

ба гапи Флор (3, II) бовар кунем, аллакай дар миёнаҳои асри 1-уми пеш аз милод портҳо байраққои абрешимӣ доштанд. Ғайр аз абрешим аз Хитой ба Осиёи Миёна оинаҳои биринҷӣ, ашёи локӣ ва ғ. оварда мешуд. Аз Осиёи Миёна ҳам ба Хитой бисёр мол бурда мешуд[150].

Дар китоби дувуми «Маҳабҳарата» – «Сабҳапарва», ки дар нимаи дувуми асри IV милодӣ таълиф шудааст, инъоме зикр гардидааст, ки ба подшоҳи пандиҳо Юдҳиштҳира (қароргоҳаш дар қарибии Деҳлии ҳозира будааст) намояндагони халққои гуногун пешкаш кардаанд ва дар байни ин халққо халққои Осиёи Миёна ҳам будаанд. Ин халққо ба подшоҳи мазкур, аз афти кор, ҳамон молеро пешкаш кардаанд, ки одатан ин гуна молҳоро барои фурӯш меоварданд. Шояд ба ҳамин сабаб аз кишвари Бахлӣ (яъне Бохтар) «кампалҳои пашмини хуштарҳу хушранги нарму мулоим», матои гуногун, пӯсти гӯсфанд, аслиҳа ва сангҳои қиматбаҳо овардаанд; «шакоиҳо» (сакоиҳо), «тукҳарҳо» (тахорҳо), «канкиҳо» (канғуйҳо) аспҳоеро инъом кардаанд, ки «метавонистаанд роҳи дурударозеро тай намоянд» («Маҳабҳарата», 11, 47).

Мадракҳои археологӣ далолат мекунанд, ки бо қабилаҳои сарматҳои назди Урал ва соҳилҳои Волга ҳам робитаи савдоӣ вуҷуд дошт. Аз сарзамини онҳо ҳамон роҳи савдо мегузашт, ки Осиёи Миёнаро бо Кавказ ва ноҳияҳои соҳили баҳри Сиёҳ мепайваст.

Дар боло қайд кардем, ки бохтариҳо то Искандарияи Миср рафта будаанд, Суғдиён низ дар ҷойҳои аз ҳудуди Суғд ниҳоят дур марказҳои калони савдо таъсис карда буданд. Дар Дунхуан (Туркистони шарқӣ) катибаҳои асри IV пеш аз милод ба даст омадаанд, ки ба забони суғдӣ навишта шудаанд. Дар яке аз катибаҳо гуфта мешавад, ки дар Друан 100 нафар самарқандии озод (ё худ асилзода) ҳастанд. В.В.Ҳеннинг бо асоси комил тахмин мекунад, ки шумораи суғдиҳо (бо ғуломон ва аҳли хонаводаашон) дар ин шаҳр бояд камаш ҳазор нафар бошад. Дар баъзе мактубҳо дар бораи молҳо, нархҳо ва ғ. маълумот ҳаст. Суғдиёне, ки дар Туркистони шарқӣ зиндагонӣ мекарданд, бо хешу ақрабои дар Самарқанд будаи худ робитаи зич доштанд[151].

## 6. МАДАНИЯТ ВА ДИНИ ОСИЁИ МИЁНАИ КУШОНӢ

### Осори хаттӣ

Дар давраи Кушониён дар соҳаи маданияти маънавии халққои Осиёи Миёна дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯй доданд. Ин давраи пури ҳодисаҳои ниҳоят мураккабу аксаран мухталиф, давраи ба ҳам омехтани тамоилу ҳодисаҳои гуногун буд[152].

Ҳанӯз дар асрҳои IV–II пеш аз милод дар Осиёи Миёна дар асоси хатти оромӣ хатҳои маҳаллӣ ба вуҷуд меоянд.

---

150 Василев Л. С., 1958.

151 Дар бораи нашри ин ҳуҷҷатҳо, ки бо номи «Мактубҳои қадимии суғдӣ» маълуманд, ниг.: Reichelt H., 1931. Инчунин ниг.: Розенберг Ф.А., 1932; беҳтарин тадқиқоти ин масъала: Henning W.B., 1948.

152 Ғафуров Б. Ғ., 1968.

Қадимтарин осори хаттии суғдӣ катибаи рӯйи тангаҳои ибтидои эраи мо аст. Пас аз ин «Мактубҳои қадимии суғдӣ» меоянд. Дар ин мактуб аломатҳо алоҳидаву хоно навишта шудаанд, бо ҳамдигар пайваст намебошанд. Ин намуди хат аз асли худ, яъне аз хатти оромӣ фарқи калон надорад. Дар айни ҳол, ба ақидаи В.А.Лившитс, ин мактубҳо далолат мекунанд, ки аллакай дар ҳамон замонҳо «нормаҳои асосии забони хаттии суғдӣ ташаккул ёфтаанд ва ҳеҷ набошад, то асри X пойдор монданд».

В.Б.Ҳеннинг исбот кардааст, ки «Мактубҳои қадимии суғдӣ» ба солҳои 312–313-уми милодӣ мансуб буда, на фақат ҳуҷҷати муҳимми таърихӣ, балки намунаи насри мукотибот мебошад[153]. Дар ин мактубҳо корубори одамони он давра бо як самимияти ошкоро тасвир ёфтааст. Ҳамлаи хуннҳо, айёми пуризтироби маҳаллаҳои суғдиён, тарсу ваҳм, қаҳру ғазаб ва ишқу муҳаббат – тамоми эҳсосоти одамӣ дар ин мактубҳо бе рангубори бадеӣ хеле ҳаққонӣ инъикос шудааст.

Мактуби Меванча (маънои ин ном «палангча» ё «гурбача» буд) ном суғдидухтаре, ки ба модараш ба Самарқанд фиристода будааст, пур аз дарду аламу ҳасрат мебошад. Нанидод ном васии Меванча ӯро бархилофи хоҳишаш ба занӣ гирифтанӣ шудааст ва инак, Меванча менависад: «Беҳтараш ба саг ё хук мерасаму ба Нанидод не» (тарҷумаи В.А.Лившитс). Муддате гузашту Меванча боз ба модараш мактуб менависад. Меванча на фақат ба Нанидод расидааст, балки дар бораи шавҳараш бо ишқу муҳаббат ва ҳурмату эҳтиром гап мезанад. Рости гап, ин гуна анҷоми кор дар адабиёти ҷаҳон борҳо тасвир шудааст.

Дар Сурхкӯтал (ҷанубтари Қундуз) чанд навиштаҷоте ёфт шуд, ки бо намуди кушонии алифбои юнонӣ иҷро шудааст. Забони катиба шарқиэронӣ будааст, ки пештар амалан маълум набуд. Ин ҷиҳат кушодани рамзи катибаро, ки бо ин кор А.Марик, Э.Бенвенист, В.Ҳеннинг, И.Гершевич, Я.Ҳарматта, Ҷ.Ҳумбах ва дигарон машғул буданд, хеле душвор гардонд. Яке аз катибаҳо аз 25 сатр иборат аст. То ба ҳол як тарҷумаи мукаммали он нест, зиёда аз ин, муҳаққиқон дар шарҳи муҳимтарин нуктаҳои матн ҳамфикр нестанд, масалан, то ба ҳол як ақида нест, ки дар матн кӣ меъмори маъбад аст ё худ тахминан киро меъмори маъбад гуфтан мумкин аст. Яке аз тарҷумаҳои эҳтимолии он матнро В.А.Лившитс пешниҳод кардааст: «Ин маъбад [ки ном дорад] Канишкаи Музаффар эъзози ҷаноби подшоҳ аст Канишкаро. Инак, баъди итмоми [иморати] маъбад андаруни он [маъбад] зарфҳои об буданд, ки хушкиданд ва маъбад бе об монд. Ва аз тамуз хушкӣ омад ва худоҳо аз хонаи [маъбади] худ гирифта шуданд – ҳам суратҳо [худоҳо] ва ҳам ҳайкалҳо [худоҳо]. Ва маъбад хилват шуд, то даме ки соли 31-уми ҳукмронӣ, моҳи найсон ба маъбад волӣ Ноқанзоқ омад, ки буд маҳбуби подшоҳ, дӯсти наздики подшоҳ, некфарҷом [«писари худо»], некуғайрат [?], накӯкор, накӯҳиммат ва накӯхислат нисбат ба ҳама махлуқот. Ва ӯ маъбадро девор кашид, чоҳканд, об баровард, бо санг [чоҳро] рӯкаш кард, то бошандагони маъбад ба об муҳтоҷ нашаванд [ё «маъбад ба оби тоза муҳтоҷ нашавад»] ва то ки дар айни хушкӣ, ки аз тамуз аст, худоҳо аз хонаҳои худ дур нараванд ва маъбад хилват нашавад. Дар болои чоҳ обкаше [?] сохт ва ҳавзе дуруст кард. Ба шарофати ин

[153] Henning W.B., 1958. s. 52–56; Лившитс В.А., 1962, с. 135–136.

чоҳ, ба шарофати ин обкаш маъбад шодоб шуд. Ва ин чоҳ ва ин [дар ин ҷо калимае ҳаст, ки тахминан ба маънои «тиреза», «бурҷ» меояд] амали Ҳаргумон, Бурзмеҳр писари Кузгашка, Астилҳансиг ва Ноқанзоқ аст волиёни фармонбардори подшоҳ. Ва навишт инро Ёвмон бо Меҳримон, Бурзмеҳр – пухри Амихромон»[154].

Забони ин навиштаҷот забонест, байни забони пашту ва забонҳои помирии мунҷонӣ ва ядғу, аз як тараф, ва забонҳои суғдию хоразмию портӣ, аз тарафи дигар. Маҳз ба туфайли заковату фазилати эроншиноси шаҳир В.В.Ҳеннинг муқаррар шудааст, ки забони ин навиштаҷот забони бохтарӣ мебошад[155] ва то вақтҳои охир забони мутлақо номаълуме буд (навиштаҷоти рӯйи тангаҳо, геммаҳо ва сафолоти Кушониён ба сабаби ниҳоят мухтасар будани худ имкон намедоданд, ки забони он муайян шавад). Забони бохтарӣ аз рӯйи сохти грамматикии худ нисбат ба дигар забонҳои шарқиэронӣ аз забони аслии қадимӣ хеле пештар рафта буд[156].

Ба ақидаи забоншиносон, дар катибаи Сурхкӯтал ва инчунин дар катибаҳои ҳиндии давраи Кушониён баъзе истилоҳоти нахустини шеваи сакоии забони кушонӣ маҳфуз мондаанд. Аз афти кор, Кушониён дар кишвари Бохтар бо бохтариён омехта шуданд ва бохтариён ба андозае онҳоро ассимилятсия карданд ва ба ҳар ҳол Кушониён дар нутқи хаттии худ, рости гап, баробари дигар калимаҳои иқтибосии забонҳои эронию ҳиндӣ, калимаҳои забони бохтариро ҳам кор мефармуданд. Дар навиштаҷоти рӯйи тангаҳои кушонӣ маҳз ҳамин хат ва маҳз ҳамин забони бохтарӣ ба назар мерасад.

Барои иншо, ҳеҷ набошад, аз давраҳои Канишка ҳуруфи юнонӣ истифода мешуд. Ба 24 ҳуруфи юнонӣ боз як ҳарф илова карда шуд, вале дар амал шумораи камтари ҳарфҳо истеъмол мегардид. Аломатҳои ҳуруфи кушонӣ ё худ аниқтараш бохтарӣ аксаран қиррадору чоркунҷаву кулӯла мебошанд. Баъдтар намуди нимакурсив пайдо шуд[157].

Ба ҳамин тариқ, баъди забонҳои суғдӣ, портӣ ва хоразмӣ илм аз забони бохтарӣ ҳам воқиф шуд. Катибаи калони Сурхкӯтал дар айни ҳол аввалин осори хаттии забони бохтарӣ мебошад. Мувофиқи жанри худ он ба навиштаҷоти Ҳахоманишиҳо ё Сосониён ҳамгун аст. Вале бархилофи катибаи шоҳон дар катибаи Сурхкӯтал қариб ки мадҳу сано нест. Агар онро ба матни навиштаҷоти Доро, ки аз Шӯш (DSf)[158] ба даст омада, он ҳам ба бинокорӣ бахшида шудааст, муқоиса намоем, ин ҷиҳати катибаи Сурхкӯтал махсусан аёнтар мешавад – қариб сеяки матни Доро ҳамду санои Ҳурмузд ва подшоҳ аст, матни Сурхкӯтал бошад, фақат аз кор сухан меронаду беҳуда гапро кашол намедиҳад. Дар матн воқеаҳо ба тартиб зикр шуда, сабаби онҳо низ нишон дода шудааст. Ин матн гуфтан мумкин, як навъ солномаи воқеаҳо, як навъ намунаи матни маъмурӣ мебошад.

Дар ҷануби Осиёи Миёна ҳам бисёр катибаҳои бохтарӣ ёфт шудаанд (вале, рости гап, онҳо калон нестанд). Масалан, аз худи Душанбе хуми гӯр ёфта шуд,

---

154 Тарҷума дар китоби зерин чоп шудааст: Массон В. М., Ромодин В. А., 1964, I, с.192-193.
155 Henning W.B., 1960, p. 47–48.
156 Лившитс В.А., 1962 а, с. 142–143.
157 Лившитс В.А., 1967, с. 162–163; 1969.
158 Матнашро ниг.: Kent K.C., 1953, p. 142–144; тарҷумааш: Абаев В.А., 1945.

ки як калима хат дорад, аз Даштиҷум як зангӯлачаи биринҷӣ ба даст расид, ки хате иборат аз 17 аломат дорад (аз афти кор, ин ҳарфҳои алоҳидаи беробитаанд, ки устои бесавод кандааст). Дар Тирмиз аз дайри Қаротеппа чанд хатти бохтарии рӯйи сафолпораҳо ёфт шуд, ки дар байни онҳо хатҳои дузабона (билингваҳо) ҳам ҳастанд; хат дар девор харошида навишта шудааст.

Дар Хоразм аз Тупроққалъа осори хатти хоразмӣ ёфт шуд, ки тадқиқи он давом дорад.

Дар димнаи Дилбарҷин (соҳили чапи Аму) бисёр навиштаҷоти бохтарӣ ба даст омад, вале, мутаассифона, онҳо хеле зарар дидаанд. Ба ақидаи муҳаққиқе, ки онҳоро нашр карда буд, ин навиштаҷот бо хатти шикастаи тезнависӣ иншо шуда, гӯё матни зери суратҳои рӯйи девор будаанд, яъне гӯё маънои расми деворро ифода мекардаанд. Мувофиқи хусусияти палеографӣ навиштаҷот тахминан ба асрҳои III–IV дахл дорад[159]. Аз худи ҳамин ҷо чанд острак ва пораҳои мармари хатдор ёфт шуд.

## Ақоиди мазҳабӣ

Ақоиди мазҳабии давраи Кушониён ниҳоят печдарпеч ва мураккаб аст. Қисми асосии аҳолии Осиёи Миёна мисли пештара зардуштияро мепарастид. Масалан, суғдиҳо бино бар номи онҳо (зиёда аз 20), ки дар «Мактубҳои қадимии суғдӣ» дучор мешаванд, асосан ба зардуштия имон доштаанд. Ин номҳо аз номи худоҳои қадимтарини Эрон бармеоянд, ки онҳо ба қатори худоҳои зардуштии Осиёи Миёна даромада буданд. Дар айни ҳол бояд гуфт, ки зардуштияи «суғдӣ» хусусияти ба худ хос дошт. Гуфтан лозим, ки дар байни худоҳои суғдӣ ҷойи аз ҳама баландро олиҳа Нана(и)[160] мегирад. Муаллифи мактуби № 2 ва он самарқандие, ки бояд ин мактубро мегирифт, дар таркиби номи худ калимаи «нана(и)» доранд. Ин номи олиҳаест аз Байнаннаҳрайн, ки дар он ҷо ҳанӯз дар давраи шумерҳо маълум буд. Баъд аз он ҷо ба Ошур ва сонитар ба Эрон гузашт ва дар давраи Рим дар ғарб аз Мисру Юнон сар карда, дар шарқ то Порт, Кушон ва Суғд паҳн шуд. Эҳтимол, дар Осиёи Миёна парастиши Нана(и)[161] бо парастиши Анаҳито пайваст буд.

Аз афти кор, суғдиёни Туркистони шарқӣ ва худи Суғд маъбадҳое доштанд, ки онҳоро «вағн»[162] меномиданд ва обидони ин вағнҳо – «вағнпатҳо» дар ҷамъияти Суғд соҳиби мақоми намоён буданд.

Аз таҳлили суратҳои худоёни рӯйи тангаҳои кушонӣ ҳам дар бораи зардуштияи бохтарӣ мадраке гирифтан мумкин аст. Дар ин ҷо бисёр номи худоён ҳастанд, ки ба шакли хоси бохтарӣ навишта шудаанд: Оромоздо – Ҳурмузд, Миҳро – Митра, Мао – Маҳо (худои Моҳ), Фарро – Фарна (худои фаровонӣ, бахти шоҳ, тақдир), Орлагно–Вэрэтрағна (худои ғалаба), Нана – Нанаи (худои ҳосил) ва ғ.[163]. Худоёне ҳастанд, ки фақат номи хоси маҳаллии бохтарӣ доранд – масалан, Охшо ё Оахшо. Шубҳае нест, ки ин калима аз

---

[159] Лившитс В.А., 1976 (дар худи ҳамон ҷо очерки мухтасари тадқиқи навиштаҷоти бохтарӣ).

[160] Henning W.B. 1948, p. 602–603; Henning W. B. pt. 2, 1965 a. p. 250–252.

[161] Ingholt H., 1954, p. 12–13; Дяконова Н. Я., Смирнова О. И. 1967 (асари Инголт ба муаллифон маълум нашудааст).

[162] Дар бораи истилоҳоти роҷеъ ба маъбадҳо ниг.: Widengren G. 1965, s. 326.

[163] Stein A., 1887., p. 155–166; Widengren G., 1965, s. 33–338.

калимаи эронии қадим «вахшу» бармеояд. Ба авестоӣ «вахш»–«гапи гуфта» (истилоҳи техникӣ) буда, дар суғдӣ ба маънои «логос» меояд. Дар забонҳои миёнаи эронӣ ин калима «рӯҳ»-еро ифода мекунад, ки баъзан бо «оби ҷорӣ» алоқаманд мебошад[164]. Дар маъхазҳои ҳиндӣ «вахшу» гуфта Амударё дар назар дошта шудааст, ки онро юнониён бо номи Оксус[165] медонистанд. Дар санги кандакории музеи Калкатта чунин дуо нақш шудааст: «Вахш худои яккаву ягона»[166].

Тасаввуроти худо будани «Вахш» дар Осиёи Миёна то асрҳои миёна пойдор монд. Дар ибтидои асри XI Берунӣ хабар медиҳад, ки хоразмиён «вахшҳангом» ном иде доранд ва илова мекунад: «Вахш номи малакест нозири дарё, аз ҷумла, рӯди Ҷайҳун»[167]. Дар давраи сонитари асрҳои миёна ва дар рӯзҳои мо номи қадимии Амударё фақат дар як шохоби Панҷи Амударё, яъне фақат дар номи дарёи Вахш боқӣ монд. Вале худи ҳамин далели он аст, ки маҳз дар ҳамин ҷо, маҳз дар ҷануби Тоҷикистон имон ба рӯҳи парастори оби наҳрҳо Оашхо махсусан пойдор мондааст.



**Меҳроби маъбади Сурхкӯтал**

164 Bailey H.W. 1931 a, p. 281. Ба ақидаи баъзе забоншиносон, ин калима аз калимаи «шустан» бармеояд, дигар гурӯҳи олимони забондон исбот мекунанд, ки маънои он «рахшон» аст (Harmatta J., 1960, c. 198).
165 Marguart J., 1938.
166 Лившитс В. А., 1969, с. 65.
167 Берунӣ, 1957, с. 258.

Новус ном як навъ гурҳои рӯизаминӣ, ки дар ҷануби Тоҷикистон ёфт шудаанд, ба аниқ шудани тасаввуроти мо оид ба зардуштияи бохтарҳо хеле мусоидат менамояд.

Маъбади Сурхкӯтал, ки онро экспедитсияи франсавиҳо дар Афғонистон кашф кардаанд, дар бораи маъбади бохтариҳо тасаввуроти равшан медиҳад. Маъбади асосӣ дар болои теппа, дар рӯйи суфаи баланде, ки аз хишт бардошта, атрофашро бо тахтасангу тиргакҳои сангин устувор карда буданд, ҷой гирифта буд. Аз поён то дарвозаи маъбад зинаи васеи сеқисма мебурд. Худи маъбад росткунҷа (35х27м) буда, девори пеши он назар ба девори ақибаш васеътар менамуд ва дар миёнҷо хонаи чоркунҷа ва дар ду паҳлу ва дар пешгаҳ долоне дошт. Маъбад аз пеш се дарвоза дошт – дарвозаи асосӣ ба хонаи чоркунҷа ва ду дари паҳлуӣ рӯ ба долонҳо кушода мешуд. Дар маркази хонаи мобайнӣ суфаи чоркунҷаи сангине буд, ки дар чор гӯшааш чор сутун дошт. Дар пушти суфа зинаи се поғундадоре воқеъ буд. Девори ин хона бо сутунҳои чортарош оро дода шуда буд.



**Зинаи маъбади Сурхкӯтал**

Атрофи маъбад мисли девори қалъа девори мустаҳкам ва дар пеши ин деворҳо бурҷҳои росткунҷа вуҷуд дошт. Аз дарун ба қадди ин девор айвони раддасутун воқеъ буду дар девори ин айвон тоқчаҳое кандаанд, ки замоне андаруни онҳо ҳайкалҳои сернақшунигори сафолӣ меистодаанд (аксари онҳо хок шудаанд). Баъдтар дар майдони байни таги суфа ва девори қалъамонанди атрофи маъбад ва инчунин берун аз ин девор боз ду маъбади хурдтаре сохтаанд, ки онҳо ҳам дар миёнҷо хонаи чоркунҷа ва гирдогирди он (вале аз чор тараф) долон доштаанд. Дар хонаи мобайнии яке аз ин маъбадҳои хурд суфаи зинадори хиштихомие буд. Гӯша ва мобайни ин сутунҳо дар андоваи

гилии девор сурати парандаҳо кашида шуда буд. Дар болои ин суфаи хиштихомӣ оташдони пури хокистари тоза ба назар расид. Ин оташдон меҳроби оташ будааст. Вале рости гап, меҳроби оташ исботи он нест, ки маъбад маҳз куништ, яъне маъбади оташ буд. Ақидае изҳор шуд, ки маъбад маъбади оли шоҳон аст. Муҳаққиқи ин маъбад Д.Шлюмберже ақидае дорад, ки маъбад метавонист ду вазифаро якбора иҷро кунад, яъне ҳам маъбади оли шоҳон бошаду ҳам куништ ва маъбади Сурхкӯталро «куништи шоҳони кушонӣ» меномад[168].

Дар яке аз катибаҳои Сурхкӯтал калимаи «Бағолағғо» яъне «меҳроб» ҳаст, ки зоҳиран маъбад чунин ном дошт: алҳол ноҳия ва деҳе, ки дар қарибии ин маъбад вуҷуд доранд, номи ҳамон маъбадро гирифтаанд ва Бағлон ном доранд[169].



**Арақаи Ҳайратон**

Дар баробари зардуштия дигар динҳо ҳам паҳн мешаванд. Чи тавре маълум аст, дар Осиёи Миёнаи кушонӣ дини буддоӣ паҳн шуда буд. Аз эҳтимол дур нест, ки мадраки дини буддоӣ чандин аср пеш аз ин, шояд дар давраи ҳахоманишиҳо, ба Осиёи Миёна расида бошад, вале санаҳои дақиқи дар Осиёи Миёна паҳн шудани дини буддоӣ ба давраҳои хеле сонитар мансуб аст. Дини буддоӣ ба Осиёи Миёна аз Афғонистон омад. Мувофиқи мадракоти мавҷуда дини буддоӣ аз чанд самт (ду самти он аниқ): аз самти ғарб ба Марв (ба ноҳияҳои шарқии Порт) ва аз самти шарқ ба Тирмиз (ба Бохтар) сар даровардааст.

Солномаи сейлонӣ хабар медиҳад, ки дар чоряки якуми асри пеш аз милод ба яке аз идҳои дини буддоӣ Маҳадева ном ҳакиме омадааст. Гумони ғолиб, ки ин ҳаким аз худи Порт не, балки аз ягон гӯшаи дурдасти он омадааст, зеро дере нагузашта, баъди ин воқеа дини буддоӣ дар ноҳияи Марв реша меронад. Мадракоте ҳаст, ки соли 148 ба Лаоян Ан-Ши-гао ном ҳакиме омада, матнҳои дини буддоиро ба забони хитоӣ тарҷума кардааст ва бинобар номаш аз кишвари Ан – яъне Порт мешудааст. Маҳз ба шарофати ин ҳаким ва шогирдони вай Хитоӣ бо дини буддоӣ шинос шуд. Зиёда аз ин, Ан-Ши-гао

---

[168] Schlumberger D., 1961, p. 77-88.
[169] Henning W.B. 1956, p.366-367.

олими забардасте буд ва хитоиҳо дар бораи инкишофи илми халқҳои Осиёи Миёна аз вай маълумоти зиёде гирифтанд[170].

Роҷеъ ба Бохтар дар даст маълумоти фаровон дорем. Номи воизи машҳури дини буддоӣ Гҳошак ба мо маълум, ки аслан аз Тахористон будааст. Зодгоҳи фақеҳи дини буддоӣ Дҳармамитра Тирмиз аст. Воизони дини буддоӣ то ба Чоч расида, дар он ҷо ҳам маъбадҳо сохтаанд.

Дар Осиёи Миёна мактаби буддоии Вайбҳашика интишор дошт, ки дар таълимоти он бисёр нуктаҳои материалистӣ ба назар мерасад ва назарияи дарки онҳо унсурҳои диалектика дошт. Ф.Энгелс навишта буд: «Маҳз барои ин ки заминаи пешакии тафаккури диалектикӣ тадқиқи табиати худи мафҳумот мебошад, он танҳо барои инсон имконпазир аст ва ҳамон ҳам бошад, фақат дар савияи нисбатан баланди тараққиёти вай (буддоиҳо ва юнониён) ва он хеле сонитар, дар давраҳои фалсафаи навтарин ба камоли инкишофи худ мерасад...»[171].

Чандин маъбадҳои буддоӣ маълуманд. Масалан, дар Ҳайратон дар қарибии Тирмиз дайри буддоии асрҳои I–II милодӣ қисман ҳафриёт карда шуд. Маркази дайр маъбад аст, ки бинои чоркунҷае буда, дар миёнҷои он суфаи росткунҷа барои гузоштани ашёи муқаддас сохта шудааст ва аз ғайри ин даҳлезе ҳаст, ки арақаи сангини он расмҳои аҷоиб дорад. Дайр ғайр аз ин чандин биноҳои истиқоматӣ ва маъмуриро соҳиб будааст[172]. Дар худи Тирмиз дар Қаротеппа маъбади мағокии буддоӣ ҳафриёт шуда истодааст (ин гуна маъбадҳо дар Ҳиндустон бисёр будаанд). Аз ҷумла, дар ин ҷо чандин маҷмӯи ибодатгоҳҳо кофта ёфта шуд, ки ҳар яке аз маъбади мағокии дорои чор долони сақфашон гунбазӣ ва ҳавлии берун иборат аст, ки дар он иморати лозимаи ибодат сохта шудаанд. Осори расмҳои рӯйи девор ва пораҳои ҳайкалҳои гаҷӣ ва сангин ба даст омадаанд[173]. Андаке дуртар аз Қаротеппа археолог Л.И. Албаум Фаёзтеппа ном маҷмӯи ибодатгоҳи буддоиро ҳафриёт мекунад, ки он расму сурат ва ҳайкалҳои ниҳоят хушнамои дилкаш дорад. Ин қатори долону хонақоҳу мазору ибодатхонаҳоест, ки ба биноҳои дайрӣ ва хоҷагӣ ҷудо мешаванд. Ҳамаи онҳо ба шакли ҳарфи «П» ҷойгир шудаанд ва алоҳида аз инҳо дар як тараф ступа воқеъ мебошаду ба ақидаи муҳаққиқ, ин манзилгоҳ тақрибан дар ибтидои солшумории мо пайдо шуда, дар асрҳои I–III ба маркази калони динӣ табдил ёфта, якҷоя бо дайри мағоки Қаротеппа обидаи ягонаеро ташкил медод ва зимнан дар ин ансамбл маҳз Файёзтеппа ҷойи аввалро ишғол мекард[174].

Дар худи Тирмиз ҳам як ступаи буддоӣ ҳаст, ки ҳозир онро «Бурҷи Зӯрмола» меноманд. Дар паҳлуи Дилварҷинтеппа маъбади буддоӣ кашф шудааст, ки ба давраи Кушониён тааллуқ дорад. Ҳайкалҳое, ки дар ин ҷо ёфт шудаанд, дорои аҳамияти махсусанд, зеро онҳо таҷассуми ашхоси динӣ ва дунявии буддоиён мебошанд.

Инчунин баъзе бозёфтҳои ашёи марбут ба дини буддоӣ, ки дар манзилгоҳҳои хурди зироаткори Бохтари шимолӣ ба даст омадаанд, далолат

---

[170] Литвинский Б. А.. 1967 в; Litvinsky B. A.. 1968.
[171] К. Маркс и Ф. Энгелс. Соч., т. 20, с. 537–538.
[172] Вязмитина М. И., 1945.
[173] Грек Т. Е. ва диг., 1967; Ставиский Б. Я., 1967 а, 1969.
[174] Албаум Л. И., 1974, с. 53–58.

менамоянд, ки буддоия дар байни бохтариёни қадим хеле васеъ паҳн шуда буд[175]. Ин гуна бозёфтҳо шаҳодат медиҳанд, ки буддоия танҳо дини табақаи муайяни ҷамъият набуда, балки дар байни оммаи васеи мардум ҳам реша давонда буд[176].

Аз Ҳиндустон ба Бохтари кушонӣ боз як дини дигар – ҳиндуя сар даровард. Тасвири Шива дар аҳди Вима Кадфиз пайдо шуда буд. Тасвири Шива дар тангаҳои давраҳои сонитари шоҳони кушонӣ то худи аҳди Васудева вомехӯранд. Ҳангоми ҳафриёти ибодатхонаи Дилварҷинтеппа лавҳаи калони мусаввар ба даст омад, ки дар он Шива ва Парватии савори гови муқаддас – Нанди тасвир ёфтааст. Ин бозёфт, аз афти кор, далели он аст, ки дар Бохтар (ба ҳар ҳол дар ноҳияҳои дар тарафи чапи дарё будаи он) пайравони мазҳаби Шива вуҷуд доштаанд.

Дини насронӣ ба Осиёи Миёна аллакай дар асрҳои II–III милодӣ дохил мешавад ва Берунӣ ҳам хабар медиҳад, ки тақрибан баъди 200 соли вафоти асосгузори ин дин онро рӯҳоние ба Марв овардааст[177]. Агар дар дасти мо дар бораи паҳншавии дини насронӣ дар кишвари Кушониён маълумоти маъхазҳои суриёнӣ (ибтидои асри III милодӣ) ва арманӣ (асри IV милодӣ) намебуд, ахбори болоиро танҳо ривоят ҳисоб кардан мумкин буд.

Дар Осиёи Миёна пайравони боз як мазҳаби дигар – мазҳаби монавия пайдо мешаванд, ки дар таърихи ҳаёти маънавии Осиёи Миёна мақоми намоён дорад. Дар ин бобат муфассалтар таваққуф мекунем. Асосгузори ин мазҳаб Монӣ соли 216 дар Бобулистон, дар қарибии Ктесифон, дар оилаи ашрофе ба дунё омадааст. Подшоҳи сосонӣ иҷозат дод, ки мазҳаби нав тарғиб карда шавад, вале дар ниҳояти кор Мониро ба зиндон андохтанд ва ӯ дар он ҷо вафот кард (соли 276–277 милодӣ), худи таълимоти Монӣ ва монавиён дар Эрон дучори таъқиботи мудҳиши бераҳмона гардиданд.

Мувофиқи маслаки монавия дар ибтидо на замин будаасту на осмон ва фақат ду мабдаъ – Равшанӣ (некӣ) ва Торикӣ (бадӣ) вуҷуд доштааст. Дар зиндагӣ ин ҳарду мабдаъ ба ҳам омехтаанд ва инсон бояд майли камолот карда, мадад расонад, ки некӣ бар бадӣ ғолиб ояд. Таълимоти Монӣ, аз як тараф, унсурҳои асосии зардуштия ва аз тарафи дигар, баъзе хусусиятҳои дини насронӣ ва ба андозае дини буддоиро ҳам дар бар мегирифт. Вале ин таълимот дар ҳама ҷо як хел набуда, дар баъзе ҷараёнҳои монавия падидаҳои эътирози иҷтимоӣ равшан ба назар мерасанд. Масалан, чунин шиори монавиён маълум аст: «Касе, ки бой буд, қашшоқ мешавад, гадоӣ мекунад, азоби абад насиби ӯ мегардад».

Маҳз ҳамин гуна шиорҳо, инчунин тарғиби идеали некуахлоқӣ, ваъдаи «биҳишти олам» ба мазҳаби монавия оммаи меҳнаткашон ва намояндагони табақаҳои миёнаи ҷамъиятро ҷалб карданд. Монавиён дар айни ҳол

175 Литвинский Б.А., 1976; Пидаев Ш.Р., с.192–193.

176 Дар масъалаи эътиқоди динӣ муросокор будани мардуми он давраро мо дар мисоли мардуми димнаи на он қадар калони Теппаи Шоҳ мебинем. Аз худи шаҳр дар хонае ҷойи ибодат ёфт шуд, ки пораҳои ҳайкалчаҳои динии гилӣ ва гаҷӣ дорад ва он ба дини буддоия марбут мебошад (Литвинский Б.Н. 1976, с.75–76). Дар айни ҳол, тадқиқи қабристони он манзилгоҳ аниқ муқаррар кард, ки мурдагон бо маросими дини зардуштӣ гӯронда мешуданд (Литвинский Б.А., 1976, с.83).

177 Берунӣ, 1957, с.330.

ташкилоти тавоноеро таъсис намуданд. Ҳамаи ин, ҳам дарбори Сосониён ва ҳам аркони дини зардуштиро ба воҳима наандохта наметавонист.



**Уднавоз. Арақаи Ҳайратон**

Ҳанӯз дар давраи ҳаёти Монӣ ва баъди вафоти вай дере нагузашта монавия аз ҳудуди Эрон берун меравад. Дар Осиёи Миёна бархилофи шиори болоӣ тарғиботи монавия асосан дар байни аъёну ашроф бурда мешуду вале баъдтар оммаи васеи аҳолиро фаро гирифт. Яке аз воизони номии монавия дар Осиёи Миёна Маар Уммо буд. Баъди ин монавия ба Туркистони шарқӣ ва аз он ҷо сонитар ба Хитой гузашт. Дар Осиёи Миёна ва дар Туркистони шарқӣ монавия бисёр ҷиҳатҳои дини буддоиро азхуд намуда, баъзе ғояҳои он ва қисман истилоҳоти онро қабул кард. Монавиён дар тарғиби дини худ санъат, аз ҷумла, санъати тасвириро хеле хуб истифода мебурданд ва китобҳои динии онҳо мусаввараҳои назаррабое доранд. Бинобар ҳамин дар адабиёти форс-тоҷик ва дар фарҳангҳои қадимии тафсирии забони тоҷикӣ номи Монӣ синоними рассоми забардаст аст[178].

Дар давраи Кушониён ҳар халқ ба худ хос маросими дафн дошт.

[178] Дар бораи монавияи Осиёи Миёна ниг.: Беленитский А.М., 1954; Assmussen J., 1965; Litvinsky B.A., 1968, p. 14–17, 38–41. Дар бораи тавсифи умумии монавия ниг.: Луконин В.Г., 1969, с. 74–81.



**Сарҳои ҳайкалчаи сафолии давраи кушониён. Афросиёб**



**Тӯмори нуқрагин, ки сурати олиҳаи сайёд дорад**



**Ҳайкалчаҳои Холчиён**

Гӯрҳои давраи Кушониён (ба ном – «навъи III Б»), ки онҳоро М. М. Дяконов дар гӯристони Тӯпхона (Ҳисор) ёфтааст, хеле ҷолиби диққат мебошанд. Ин гӯрҳои хокианд, ки бо хишти хом рӯкаш шудаанд, баъзан сағонаҳое мебошанд, ки аз хишти хом сохта шудаанд. Дар лаҳади ин гӯрҳо зарфҳои пури хӯроки охират ҳаст. Ҳамаи ин зарфҳо зарфҳои хушсифати кулолӣ мебошанд. Шакли аксари онҳо ҷоммонанду муносибтарҳи зебо мебошад. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин гӯрҳо мутлақо аслиҳа нест. Баъзан дар даҳон ё синаи мурда тангае мемондаанд ва ин тангаҳо ба тангаҳои Евкратид монанд буда, ба асри I пеш аз милод, яъне ба давраҳои баъди суқути давлати Юнону Бохтар нисбат доранд.

Дар гӯри занҳо асбоби зинатии тиллоӣ (гӯшвораҳо), оҳанин (ангушттарин, сагакҳои либос), сангину шишагин (шадда), биринҷӣ (оина, дастпона, ангуштарин) ёфт шудаанд. Аксари ин ашёи ороиш бо ашёи ороиши сарматҳои соҳилҳои Каспий ва баҳри Сиёҳ ҳамгунӣ дорад. Аҷоибаш ҳамин, ки дар байни бозёфтҳо каҳрабое ёфт шуд, ки фақат дар баҳри Балтик ҳаст ва каури ном гӯшмоҳие ба даст омад, ки фақат дар уқёнуси Ҳинд мешавад.

Берун аз гӯрҳо тангаи бисёре ёфт шуд, ки якеи онҳо азони Канишка мебошад, ғайр аз ин, чанд осиё, пораи дастос ва якчанд кордҳои оҳанин ба даст омадаанд[179].

Ҳангоми ҳафриёти М.М.Дяконов ва ҳафриёти минбаъдаи Б.А.Литвинский дигар намуди дафн низ пайдо шуд – бо ин усул мурдаро дар тобутҳои калони сафолӣ мегӯрондаанд (ин тарзи дафн дар байни портҳо маъмул буд ва аз афти кор, аз онҳо иқтибос шудааст). Дар хоки Душанбе мурдаҳое ёфт шуданд, ки дар тобутҳои сангин ва дар хумҳо дафн гардидаанд. Дар димнаи Куҳнақалъа

[179] Дяконов М.М., 1950.

(водии Вахш) мурдаҳоро дар дахмаҳо мегӯронианд. Аз асри II пеш аз милод Хоразм ва баъд дар дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна оссуарийҳо, яъне устухондонҳои сафолӣ (баъзан сангин) ба ҳукми таомул медароянд, ки ба онҳо устухони мурдаро андохта мемондаанд[180].

Кашф ва тадқиқи қабристони димнаи Теппаи Шоҳ (дар поёноби Кофарниҳон), ки мурдагони он дар асоси маросими дини зардуштӣ гӯронда шудаанд, хеле аҳамияти калон дорад. Аз ин ҷо чанд новусе ёфт шуд, ки тарҳи мураккабе доранд. Яке аз онҳо (новуси 1) як хона дорад. Айвони новус аз ду тараф сангпӯш буда, инчунин бо остонаи сангӣ мустаҳкам карда шудааст. Аз ин айвон ба даруни худи новус роҳ ҳаст. Даруни новус ҳуҷраи чоркунҷаест, ки андозааш 3,16х4,80 м мебошад. Гирдогирди таги девор суфача дорад, ки бари он 0,95–1,00 м ва баландиаш 0,42 м аст. Таги ҳуҷра, суфаҳо ва деворҳо тунукак бо гаҷ андова карда шудаанд. Худи новус дар болои таҳкурсии нимметра сохта шудааст. Рӯйи суфа ва ҳуҷра пур аз устухони одамӣ аст, ки бетартибона хобиданд ва дар байни устухонҳо бисёр ашёи маданияти моддӣ (зарфҳо, асбоби зинат, оинаи биринҷӣ, ҳайкалчаҳои сафолӣ ва ғ.) ба назар мерасад. Инчунин тангаҳои мисии Канишка ва Васудева ёфт шудаанд.

Новуси дигар (новуси 2,) ки дар болои таҳкурсии чоркунҷаи на чандон баланд сохта шудааст, тарҳи мураккабтаре дорад. Баъди дари даромад долоне сар мешавад, ки тамоми новусро ба ду қисми баробар тақсим мекунад. Дар ин долон рӯбарӯи ҳамдигар чор ҳуҷра ҳаст, ки андозаи онҳо 2,2х2,1 м ва 2,1х2,3 м мебошад (фақат ду ҳуҷра безарар мондааст, ду ҳуҷраи дигар қисман вайрон шудааст). Даруни ҳуҷраҳову долон аз чанд қабат устухони одамӣ пур аст, устухони баъзе мурдагон пароканда нашуда, дар ҷойи аслии худ мебошанд. Умуман, аз ин новус 51 косахонаи сар баромад. Агар ба назар гирем, ки новус хеле вайрон шудааст, пас шумораи дар ин ҷо гӯршудаҳо хеле зиёдтар будааст. Аз афти кор, ба андозаи пур шудани ҳуҷраҳо даҳони онҳоро мебастаанд, баъди пур шудани долон дари асосиро ҳам гӯр кардаанд ва бо ҳамин ин новусро дигар кор нафармудаанд. Аз ин новус ҳам бисёр ашёи маданияти моддӣ – бисёр асбоби зинат (шаддаҳои сангию шишагин, ангуштаринҳо, дастпонаҳо, гӯшворҳо ва ғ.), асбобҳои сафолӣ, бути гаҷӣ ёфт шуд. Боқимондаҳои матое, ки аз ин ҷо дастрас гардид, хеле ҷолиби диққат мебошанд. Яке аз тангаҳои аз ин ҷо ёфтшуда (тангаи нуқраи Герай) дар даҳони мурдае буда, онро аз қабати лое ёфтанд, ки ба коми мурда часпида монда будааст. Тамоми тангаҳои ёфтшуда аҳамияти калон доранд, зеро далолат мекунанд, ки новус ба муддати ниҳоят дароз истифода мешуд – аз ин ҷо тангаҳои нуқрагини тақлидан ба тангаҳои нуқрагини Евкратид сикказадашуда, тангаҳои мисини Вима Кадфиз, Канишка, Хувишка, тангаҳои тақлиди тангаҳои Васудева ба даст омаданд[181].

Аҳамияти ҳафриёти қабристони Теппаи Шоҳ ниҳоят калон аст. Ғайр аз ин ки ин новусҳо қадимтарин гӯрҳои Бохтар мебошанд (санаи онҳоро асри I пеш аз милод, III–IV милодӣ гуфтан лозим), боз онҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар Бохтар маросими дафни зардуштӣ паҳн шуда буд ва он хусусиятҳои ба худ хос дошт. Инчунин тавсифи антропологии мурдагон ҳам ҷолиби диққат

[180] Рапопорт Ю.А., 1967.
[181] Литвинский Б.А., 1976, с. 76-84.

мебошад[182]. Дар солҳои охир айнан ҳамин гуна қабристонҳо дар дигар ноҳияи Бохтари шимолӣ – дар водии Сурхондарё, дар қарибии димнаи Дилварҷинтеппа ва деҳаи Бандихон ёфт шуданд.

Аҳолии кӯчманчӣ, нимкӯчманчӣ ва як қисми аҳолии муқимӣ мурдаҳои худро дар хоктеппаҳои баланд гӯр мекарданд. Шумораи зиёди ин гуна хоктеппаҳо дар поёноби Кофарниҳон, дар ноҳияи Исфара ва дар территорияи Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳафриёт шудаанд.

**Уднавоз. Расми рӯйи девори қасри Тупроққалъа**



## Санъат

Давраи Кушониён давраи авҷи инкишофи санъати қадимии Осиёи Миёна мебошад. Мо аз равнақу ривоҷи шаклҳои монументалии санъат (рассомӣ, муҷассамасозӣ, мунаббаткорӣ), намудҳои хурдтари он (ҳайкалчасозӣ аз сафолот) ва аз равнақи санъати амалӣ (заргарӣ ва ғ.) воқиф ҳастем. Мо алҳол дар даст материали фаровон дорем, вале ба туфайли ҳафриёти археологӣ андӯхти он чунон суръатро соҳиб аст, ки ҳама гуна тавсифи қабл аз интишор

182 Кияткина Т.П., 1976, с. 85-86.

куҳна шуданаш мумкин аст. Маҳз дар санъат заковату фазилати устоёни Осиёи Миёна равшан ҷилвагар мешавад, дар айни ҳол, муносибат бо дигар мамлакатҳои ҳамсоя возеҳ ба назар мерасад. Аҳамияти осори санъати Осиёи Миёна берун аз ҳудуди Осиёи Миёна ҳам мақом дорад, яъне имкон медиҳад, ки муҳимтарин ҷиҳату ҷанбаҳои маданияти бадеии шарқ аз дидгоҳи нав тафсиру тавзеҳ дода шавад. Масалан, ин нукта ба санъате низ дахл дорад, ки «санъати Қандаҳор» ном гирифтааст. Қандаҳор номи қадимии кишварест, ки миёнҷои он водии Пишовур буд ва дигар ноҳияҳои ҳамсояро дар бар мегирифт.



**Устадонҳои ҳайкалчамонанд ба намуди одамони нишаста.**
**Асрҳои аввали милод. Қӯйқирилганқалъа**

Маҳз дар ҳамин ҷо бисёр осори ба худ хоси санъат ёфт шудааст, ки асосан аз ҳайкали сангин (ва гаҷӣ) ва нақшҳои кандакорӣ иборат мебошад. Бинобар номи қадимии сарзамин намуди санъат «гандҳарӣ» ном гирифт, гарчанде асарҳои бо ин услуб офаридашудаи санъат хеле васеъ интишор ёфта буданду дар саросари хоки шимолу ғарби Ҳиндустон, дар Афғонистон ва дар ҷануби Осиёи Миёна дучор меоянд. Санъати гандҳарӣ таркиби ҳайратангези анъанаҳои санъати маҳаллӣ ва эллинурумӣ мебошад. Вале масъалаҳои пайдоиш, таҳаввулот ва хронологияи санъати гандҳарӣ то ҳол ақидаҳои ниҳоят мухталиф ва аксар ба ҳамдигар хилофро ба миён меоварад ва боиси пайдоиши назарияву фарзияҳои мутааддид мегардад. Яке аз олимон таърихи тадқиқи санъати гандҳариро бо заковати тамом ба «ҳарбгоҳе» ташбеҳ додааст, ки «дар он ақидаҳои сершумори археологҳо бисмил шудаанд ва ин ҳарбгоҳ аз

ҷавшану зиреҳҳои кафидаю дарида, яъне дидҳои аз даҳон монда ва аз шикастапораҳои яроқу аслиҳа, яъне аз фарзияҳои радшуда моломол аст. Ҳол он ки масъалаҳои ҳалталаб шумор надоранд ва онҳо бемуҳобот ҷидду ҷаҳди олимонро густохона рафъ менамоянд ва чунон ба назар мерасанд, ки ҳалли онҳо мутлақо мумкин нест»[183].

Асоси тадқиқи санъати гандҳарӣ дар асарҳои олими франсавӣ А.Фуше, ки дар тадқиқи санъат ва археологияи Ҳиндустону Афғонистон хизмати шоён кардааст, гузошта шудааст. Ман хонандаро ба асарҳои вай[184] ва ба асарҳои Д.Маршалл, Б.Роулэнд, А.А.Кумарасвами, И.Лохвизен де Леев, Г. Инголт ва дигарон ҳавола карда, ҳаминро қайд кардан мехостам, ки нисбатан ба қарибӣ олими франсавӣ Д.Шлюмберже фарзияи диққатангезе пеш ниҳод. Вай ба натиҷаҳои кашфиётҳои навтарини археологияи Осиёи хориҷӣ такя намуда, исрор мекунад, ки дар ташаккули санъати қандаҳорӣ «унсури юнону эронӣ» (аз ҷумла, юнону бохтарӣ) мақоми калон дорад[185]. Кашфиётҳои археологияи Осиёи Миёна бошад, барои исботи мавҷудияти санъати хоси бохтарӣ мадраки фаровон доданд. Ҳайкалу расмҳои дилкаши Холчиён, нақшунигори назаррабои Бохтар бояд дар ҳалли масъалаҳои пайдоиши санъати Бохтар ба назар гирифта шаванд.

Дар баробари санъати Бохтар дар он давра Суғд, Хоразм ва Порт ҳам мактабҳои бадеии хоси худро ба вуҷуд меоранд.

---

183 Иқтибос аз китоби: Ingholt H., 1957, p. 22.
184 Хусусан ниг.: Foucher A., 1905; 1918; 1922; 1951.
185 Schlumberger D., 1960.

# БОБИ ПАНҶУМ

# СОХТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МИЁНАИ ҚАДИМ

## 1. ИСТОРИОГРАФИЯИ МАСЪАЛАҲОИ ФОРМАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҒУЛОМДОРИИ ОСИЁИ МИЁНАИ ҚАДИМ

Нотавонии илми буржуазӣ, алалхусус ҳангоми чун як чизи том омӯхтани таърихи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна ва Шарқ маълум шуд. Муаррихони буржуазӣ барои шарҳу тафсири ин масъалаҳо усулеро пеш гирифтаанд, ки ба методологияи ғайриилмӣ асос ёфтааст ва манзараи ҳақиқии таърихиро таҳриф менамояд. Бархилофи муаррихони буржуазӣ муаррихони советӣ аллакай аз солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм сар карда, дар ягона мавқеи дурусту ҳақиқатан илмӣ – дар мавқеи марксизм - ленинизм истода, ба тавзеҳи дақиқи форматсияҳои иҷтимоию иқтисодии шарқ шурӯъ намуданд.

Ин тадқиқотро новобаста ба дигар масъалаҳо, ҷудо аз он мубориза и шадиди идеологӣ, ки илми мо зидди идеологҳои империалистии Аврупои ғарбӣ ва Америка бурда истодааст, тасаввур кардан мумкин не. Ин идеологҳо (рӯирост ё худ пардапӯшкунон) исбот карданӣ мешаванд, ки халқҳои Шарқ аз азал қафомонда мебошанд ва дар Шарқ тараққиёти ҷамъиятӣ гуфтанӣ чизе набуд. Иддаои «карахтии» тараққиёти ҷамъиятӣ дар Шарқ бо чунин як даъво «тақвият» дода мешуд, ки аз давраҳои таъсиси аввалин давлатҳои Миср ва Байнаннаҳрайн то рӯзҳои мо дар Шарқ муносибатҳои феодалӣ вуҷуд доштанд.

Асари доҳиёнаи В.И.Ленин «Дар бораи давлат», ки соли 1929 нашр шуд, дар кори аз нуқтаи назари марксистӣ муайян кардани таърихи иҷтимоию иқтисодӣ роли калон бозид. Дар ин асар навишта шудааст: «Тараққии тамоми ҷамъиятҳои инсонӣ дар давоми ҳазорҳо сол беистисно дар ҳамаи мамлакатҳо ба мо қонунияти умумӣ, дурустӣ, мунтазамии ин тараққиётро ба ин тариқа нишон медиҳад, ки дар аввал мо ҷамъияти бесинф – ҷамъияти аввалини патриархалӣ, ҷамъияти ибтидоиро мебинем, ки дар он ҷамъият аристократҳо набуданд, баъд ҷамъияти ба ғуломӣ асосёфта, ҷамъияти ғуломдориро мебинем. Ин роҳро тамоми Аврупои мадании замони ҳозира тай кардааст – ғуломдорӣ 2 ҳазор сол пеш аз ин комилан ҳукмрон буд. Ин роҳро аксарияти бузурги халқҳои қитъаҳои дигари олам ҳам тай кардааст»[1].

Тадқиқи марксистии масъалаи форматсияҳои иҷтимоию иқтисодии Шарқ дар солҳои 20–30-юм акнун оғоз меёфт. Яке аз мушкилиҳои он солҳо ҳамин

[1] В. И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 29, с. 508.

буд, ки аксарияти насли калонсоли шарқшиносон, ки соҳиби дониши фактҳои аниқ буданд, дар соҳаи идеологияи марксистӣ ҳанӯз тайёрии казоӣ надоштанд. Дар ин бобат нутқи яке аз барҷастатарин намояндагони «насли калонсол» академик С.Ф.Олденбург, ки дар маҷлиси фавқулодаи АФ СССР июни соли 1931 эрод карда буд, ниҳоят ба мавриду муносиб шуд. О.Ф.Олденбург гуфта буд: «Мо халқҳо ва мамлакатҳоро ба халқу мамлакатҳои Шарқу Ғарб, халқу мамлакатҳои ба ҳамдигар муқобил ва ҳар якеро ба тарзи худ омӯхташаванда ҷудо намекунем, зеро Шарқ бо ҳуқуқи баробар бо Ғарб ба Иттифоқи мо дохил шуд ва мо Ғарбро бо кадом методологияи марксистӣ меомӯхта бошем, Шарқро ҳам бо ҳамон методология тадқиқ мекунем. Чи тавре дар Ғарб муборизаи синфӣ равад, дар Шарқ ҳам чунин мубориза давом дорад. Дар Шарқ ҳам худи ҳамон форматсияҳо ба вуҷуд омадаанд, ки дар таърихи ғарб ҳастанд. Ин нуктаҳои асосии шарқшиносии мо мебошад»[2]. Ана ҳамин тавр шоҳроҳи инкишофи шарқшиносии советӣ, ки ба таҳкурсии мазбути марксизм - ленинизм асос дорад, муқаррар карда шуд. Хуллас, диди марксистӣ ба таърихи халқҳои Шарқ тамоман хилофи он ҷараёни реаксионии илми буржуазӣ мебошад, ки мабдаву сиришти он чунин суханони маддоҳи империализми Британия Киплинг аст: «Бидонед, ки Шарқ Шарқ асту Ғарб Ғарб ва то рӯзи арасот онҳо бо ҳам як нахоҳанд шуд!».

В.В.Струве маъхазҳои таърихи Миср ва Байнаннаҳрайни Қадимро марксистона тавзеҳ дода ва онҳоро бо диққати тамом тадқиқ намуда, дар ибтидои солҳои 30-юм ба чунин хулосае омад, ки давлатҳои Шарқи қадим ҷамъиятҳои навъи ниҳоят содатарини ғуломдорӣ буданд[3]. Соли 1933 вай дар маърӯзаи махсуси худ, ки барои Академияи давлатии таърихи маданияти моддӣ тайёр карда буд, ин ақидаи худро изҳор намуд ва он дере нагузашта аз чоп ҳам баромад[4]. Ғояти ҷасорат будани гуфтаҳои вай роҷеъ ба мавҷуд будани форматсияи иҷтимоию иқтисодии ғуломдории Шарқ, ба ин дараҷа дақиқ ва навоварона масъала гузоштани вай ва дар айни ҳол баъзе камбудиҳои ақидаҳои вай, яъне аз ҳад зиёд баланд бардоштани роли ғуломон ва баҳои лозима надодан ба аҳли ҷамоат боиси он гардид, ки баъзе олимони машҳур ба тавзеҳоти В.В.Струве зид баромаданд. Дигар олимон нуктаи дар Шарқ вуҷуд доштани форматсияи ғуломдориро қабул карда, онро инкишоф доданд[5].

Дар худи ҳамон соли 1933 С.П.Толстов дар пленуми Академияи маданияти моддӣ, ки ба масъалаҳои пайдоиш ва тараққии феодализм бахшида шуда буд, дар мавзӯи «Генезиси феодализм дар ҷамъиятҳои кӯчманчии чорводор»[6] маърӯза кард. Вай бисёр нуктаҳоеро асоснок намуд, ки баъдтар ба дурдонаҳои ганҷинаи илми таърихшиносии советӣ мубаддал гардиданд, масалан, яке аз онҳо нуктаи робитаи зич доштани кӯчманчиён ва зироаткорони муқимӣ мебошад ва ғ.

Дар айни ҳол, вай фарзияе пеш ниҳод, ки кӯчманчиёни Осиёи Миёна (аз хуннҳо сар карда) аз асри II пеш аз милод то худи асрҳои VIII–IX давраи инкишофи ғуломдориро аз сар гузаронданд ва зимнан «дар инкишофи

---

[2] Олденбург С. Ф., 1931, с. 9.
[3] Струве В.В., 1932.
[4] Струве В.В., 1934 б; 1934 а.
[5] Дар бораи тафсилоти мубоҳисаи ибтидои солҳои 30-юм ниг.: Постовская Н. М., 1961, с. 79–82, 98–100.
[6] Толстов С.П., 1934,

ҷамъиятҳое, ки дар онҳо чорводории кӯчӣ афзалият дошт, давраи ғуломдорие, ки ба форматсияҳои антиқии баҳри Миёназамин ҳамгун буд, дар як шакли ба худ хос демократияи ҳарбии ғуломдорӣ вусъат меёфт»[7]. Ин фарзияи вай ба тафсил асоснок ва дақиқ таҳлил нашуда буд ва иддаои С.П.Толстов аз он сабаб ҳам рахнапазир ҳисоб мешуд, ки баъзе нуктаҳои он ғалат буд (масалан, чунин иддао, ки дар байни туркманҳо дар асри XIX сохти ғуломдорӣ вуҷуд дошт ва ғ.). Вале, умуман ақидаи С.П.Толстов, ки нисбат ба Шарқ таълимоти марксистии форматсияҳои иҷтимоию иқтисодиро дақиқ татбиқ менамуд, хеле судбахш баромад. Аз ин ақида мантиқан бармеомад, ки на фақат халқҳои кӯчманчии Осиёи Миёна, балки халқҳои муқимии ба онҳо зич робита дошта ҳам марҳалаи тараққиёти ғуломдориро аз сар гузарондаанд.

Гузориши нави масъала боиси эътирози сахти як қатор олимон гардид. Масалан, А.Н.Бернштам дар пленуми соли 1933 тарафдори чунин ақида шуд, ки «қисми зиёди Осиё (Осиёи Миёнаро ҳам вай ба ин ҷо ҳамроҳ мекард.– Б. Ғ.) форматсияи ғуломдориро аз сар нагузаронда аз коммунизми ибтидоӣ ба ҷамъияти феодалӣ гузаштааст»[8].

Ду сол сонитар, соли 1935 М. Е. Массон даъво кард, ки дар давраи баъди асри VIII милодӣ дар Осиёи Миёна аллакай «заволи муносибатҳои куҳнаи феодалӣ» сар шуда буд[9].

Вале чунин нукта, ки халқҳои Осиёи Миёна давраи ғуломдориро аз сар гузарондаанд, тадриҷан ба саҳифаҳои нашрияҳои илмии оммавӣ[10] ва махсус роҳ меёбад[11].

Соли 1938 С. Толстов бори нахуст сохти ғуломдории Осиёи Миёнаи қадимро муфассал тафсир дод. Нуктаҳои асосии он тафсир инҳоанд:

Аъёну ашрофи суғдиён дар арафаи истилои арабҳо хосияти «ғуломдорӣ ва сардорони қабилаву авлод»-ро мепазируфтанд.

Ҳокимияти он ба «дастаҳои мусаллаҳи ғуломони чақир... ва ба лашкари боимтиёзи савораи ҷавонони ашрофзода», ки маъхазҳои арабию форсӣ ва хитоӣ аз онҳо ривоят менамоянд, такя мекард. Ин намуди ташкили дастаҳои ҳарбӣ дар давраи портҳо ҳам расм буд.

Тамаддуни қадими воҳаҳои Осиёи Миёна симои хоси «шаҳрӣ» дошт.

Кӯчманчиён ва зироаткорон бо ҳамдигар робитаи зич доштанд.

Ғуломдорӣ дар байни аҳолии муқимӣ ва кӯчманчӣ маъмул буд. Ба ин мадраки маъхазҳои хитоӣ ва «мактубҳои қадимии суғдӣ» бевосита далолат мекунанд. Ба ин худи дар ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо будани Осиёи Миёна ва бевосита моддаи оид ба ғуломдории айбномаи Сосониён шоҳид аст. Гӯрҳои одии давраи усуниҳо, ки ба тартиби муқаррарӣ қатор-қатор нестанд, аз афти кор, гӯрҳои ғуломоне мебошанд, ки ба усуниҳо тааллуқ доштанд (ақидаи дигар – «ғуломони дар манзиле сокиншуда ва аъёну ашрофи усуниҳо»).

«Мадракоти археологӣ далолат мекунанд, ки дар сохтмони шабакаи обёрии Осиёи Миёна меҳнати ғуломон васеъ истифода бурда мешуд... Анҷом

---

[7] Толстов С.П., 1934, с. 179, 185.
[8] Бернштам А.Н., 1934, с.343.
[9] Массон М.Е., 1935, с.217. Баъдтар (с.227) вай менависад, ки: «сохти феодалӣ дар Осиёи Миёна дар асри X завол ёфт».
[10] Масалан, муқоиса кунед: Баженов А.В., 1937.
[11] Массон М.Е., 1938., с.83.

додани ин гуна сохтмон бо қувваи деҳқонон ва бо воситаҳои техникӣ, ки дар ихтиёри суғду хоразмиёни қадим буд, он қадар қувваи кориро аз хоҷагии қишлоқ кашида мегирифт, ки ин соҳаи хоҷагӣ ба ҳеҷ ваҷҳ муътадил кор карда наметавонист. Суханони машҳури Ф.Энгелсро андак дигар хел таъбир дода гуфтан мумкин, ки агар ғуломдорӣ намебуд, маданияти баланди обёрии Шарқ ба вуҷуд намеомад».

«Пас аз он ки Осиёи Миёна ба доираи назари осори хаттӣ афтод, боз дар муддати чандин асрҳо боқимондаҳои сохти ибтидоии ҷамъиятӣ пойдор монданд ва фақат аз асрҳои якуми ҳазораи якум сар карда, аввалин дигаргуниҳои калони сохти ҷамъиятии халқҳои Осиёи Миёна ба назар мерасанд, ки онҳо Осиёи Миёнаро тадриҷан ба доираи системаи ғуломдории Шарқ мекашиданд».

«Буҳрони умумии олами ғуломдорӣ, ки империяи Римро вожгун сохта, давлати Хитои қадимро ба завол расонд, ба сари Осиёи Миёна ҳам омадааст. Давлати Кушон дар асри V дар зери зарбаи қабилаҳои барбарӣ, ки дар асри IV дар Хитой ва дар асрҳои IV–V дар Аврупо бо номи гуннҳо маълум буданд, ба хок яксон гашт»[12].

Ин нуктаҳои С.П.Толстов, ба ғайр аз ду нуктаи аввал, асосан[13] аз тарафи аксари олимони советӣ маъқул дониста шуд ва дар таълифи марксистии таърихи қадими Осиёи Миёна роли муҳим бозид (ду нуктаи аввал барои ҳамин қабул нашуд, ки иддао дошт, гӯё дар Осиёи Миёна давраи ғуломдорӣ то худи асрҳои VII–VIII давом карда бошад. Ҳол он ки ин фикр ғалат аст).

Баъдҳо С.П.Толстов борҳо ба сари масъалаи сохти иҷтимоии иқтисодии Осиёи Миёнаи Қадим[14] баргашта, ҳаракат кард, ки асосан бо мадади мадраки таърихи шабакаи обёрии Хоразм нуктаи дар ин ноҳия вуҷуд доштани сохти ғуломдориро исбот кунад. Дар хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла дар обёрӣ истифода шудани меҳнати ғуломон аз эҳтимол дур нест. Вале чунин иддаои С.П.Толстов, ки аҳолии озод дар сохтмони шабакаи обёрӣ ширкат надошт ва каналҳои қадима «бо қувваи ғуломони сершумори дар дигар намудҳои зироаткорӣ машғул набуда сохта шудаанд»[15], ба назари мо он қадар баҳснопазир нест[16]. Аз рӯйи ҳисобу китоби С.П.Толстов фақат дар сохтмони канали биступанҷкилометраи Ҷонбосқалъа мардони ноҳияи атрофи канал, агар соле 20 рӯзӣ кор мекарданд, 15 – 25 соли онҳо сарф мешуд. Ба фикри С.П.Толстов, ин кор ҳеҷ мумкин не, аз ин рӯ, ин каналҳоро шумораи зиёди ғуломон сохтаанд. Ин мулоҳизаҳо ба ду гумон асос ёфтаанд: каналҳои калон ниҳоят тез сохта мешуданд; аҳолии зироаткори воҳа метавонист дар сохтмони канал соле ҳамагӣ 20 рӯз кор кунад.

Вале каналҳои калон, эҳтимол, дар зарфи чандин солҳо (дар баъзе мавридҳо дар зарфи даҳҳо солҳо), умуман шабакаи обёрӣ дар зарфи садҳо сол сохта мешуданд. Аз дигар тараф, хусусияти хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна (аз

---

[12] Толстов С.П., 1938 б, с. 24–32, 47–49; 1938 а, с. 182–187.

[13] Баъзе нуктаҳои ҷузъӣ масалан, чунин нукта, ки гӯё қатори гӯрҳои муқаррарӣ гӯри ғуломони усуниҳо буданд, бо тадқиқоти минбаъда исбот нашуд.

[14] Хусусан ниг.: Толстов С.П., 1948 а, 1948 б ва ғ.

[15] Толстов, С.П., 1958, с.115. Дар бораи шакку шубҳае, ки оид ба ин нукта вуҷуд дорад, ниг.: Беленитский А.М., 1935, с.507.

[16] ИТН, I, с. 475–576.

ҷумла, Хоразм) имкон медод, ки аҳолии зироаткор дар сохтмон ва тоза кардани ҷӯю анҳор соле ду ва ҳатто се моҳ машғул шавад[17]. Пас, худи ҳамон канали Ҷонбосқалъа (агар чунин маълумоти С.П.Толстов ва Б.В.Андриановро ба назар гирем, ки шумораи мардони қобили кор тақрибан 1000 кас мебошад) мумкин буд бо қувваи аҳолии ноҳияи канал дар зарфи чор ё панҷ сол сохта шавад[18]. Ниҳоят, беандоза содаву камсамар будани техникаи хоҷагии қишлоқ аз киштукор кашида гирифтани «шумораи зиёди» коркунон ва фақат дар каналканӣ истифода бурдани онҳоро ба як кори бефоида ва ҳатто зарарнок табдил медод. Онҳоро бо воситаи зиндагӣ таъмин кардан бар дӯши аҳолии зироаткор бори гароне мешуд. Дар ҳамон дараҷаи техникаи хоҷагии қишлоқ, ки дар Хоразми охири асри XIX вуҷуд дошт, як коркун метавонист (агар чорвои корӣ дошта бошад) дар як сол дар андак майдон киштукор кунад[19]. Дар давраҳои қадим бошад, сифати техникаи хоҷагии қишлоқ боз ҳам пасттар буд. Пас, имкон ва зарурати васеъ намудани майдони кишт ба шумораи коркуноне, ки бевосита дар киштукор шуғл доштанд, сахт вобаста буд.[20]

Маълум, ки дар асри XIX ва ибтидои асри XX миқдори ҳосили гандум аз ҳар як гектари замини обӣ 15-20 сентнер буд[21]. Аз ин миқдор 1,5–2 сентнерашро барои тухмӣ мегирифтанд. Як қисми ҳосилро (ба ҳар ҳол, камаш 1/3 қисми онро, ки ин қоида дар асрҳои миёна маъмул буд) деҳқон хироҷ ё андоз медод[22]. Дар дасти деҳқон ҳамагӣ 8–11 с. ғалла мемонд. Дар давраи қадим бошад, ин рақамҳо аз ин хеле камтар буданд. Агар ин рақамҳоро 50 фоиз кам карда, онро дуруст ҳисоб кунем (албатта, фақат фикран) дар дасти деҳқон ҳамагӣ 4–5,5 с. ғалла мемонд: ин миқдор ғалла соле ба ду ва агар бисёр гирем, ба се кас базӯр мерасад. Агар ба назар гирем, ки дар киштукор ба коркуни асосӣ аҳли хонаи вай ҳам кумак мекарданд, пас оилаи деққони Хоразми Қадим шиками худро бо азоб сер мекарду маҷбурӣ андоз медод.

Дар асоси мулоҳизаҳои болоӣ чунин тахмин ҷоиз аст, ки дар сохтмони ирригатсионӣ ва дар мавсимҳои лозима тоза кардани ҷӯю анҳор одатан (гарчанде баъзе истисноҳо ҳам маълуманд) тамоми коркунони хоҷагии қишлоқ ва аз ҷумла, ғуломон низ иштирок мекарданд. Б.А.Литвинский хеле дуруст навиштааст, ки: «Ба сохтмони каналҳои нав худи давлат манфиатдор буд, зеро барои истифода аз об ва заминҳои обӣ андоз мегирифт. Бинобар ҳамин аҳли

---

17 Дар охири асри XIX ҳодисаҳое маълуманд, ки аҳолӣ дар тоза кардани ҷӯю анҳор соле ду моҳ машғул мешуданд (Шкапский О., 1960, с.49-50, Дингелштедт М., 1895, с. 65).

18 Дарвоқеъ, агар ба назар гирем, ки барои анҷом додани канал 760 ҳаз. $м^3$ хокро кандан даркор (Андрианов Б.В., 1969, с. 128) ва як коркун метавонист дар як рӯз 2,5 $м^3$ хок канад, ба осонӣ ҳисоб кардан мумкин, ки канал дар панҷ сол буд мешуд. Вале дар ҳуҷҷатҳои папирусии Мисри Эллинӣ мадраке ҳаст, ки дар сохтмони канал як коркун бояд дар як рӯз 3,5 $м^3$ хок канад (Крюгер Е.В., 1935, с. 28), агар маҳсули кори каналканҳоро ба ин миқдор наздик ҳисоб кунем, пас сохтмони канал дар зарфи се сол анҷом меёфт.

19 Шкапский О. 1900, с. 191.

20 Аз рӯйи ҳисоби С.П.Толстов, дар атрофи канали Ҷонбосқалъа андак камтар аз 4-5 ҳазор кас иқомат доштаанд ва аз ҷумлаи онҳо 1–1,5 ҳазор кас мардони қобили кор будаанд (ин миқдор аз будаш шояд андак зиёд шуда бошад – Андрианов Б.В., 1969, с. 127). Агар фарз кунем, ки ҳамаи онҳо машғули киштукор буданд, дар ин сурат ҳам майдони начандон калонро киштукор карда метавонистанд.

21 Массалский В. И., 1913, с. 442.

22 Бродовский М., 1872, с. 240; Давидович Е. А, 1970. саҳ 124 -125

деҳот, аз афти кор, маҷбуран ба каналковӣ сафарбар мешуданд. Ин кор, эҳтимол, зери роҳбарӣ ва назорати намояндагони ҳукумат иҷро мешуд».[23]

Худи ҳамин муҳаққиқ чун шабеҳ ба Ошур ишорат мекунад, ки дар он ҷо бинокорӣ чун амри умум маъмул буд ва дар он худи подшоҳ ҳам, ҳамчун намояндаи ҷамоат (албатта, фақат ба тарзи рамзӣ) иштирок мекунад.[24] Боқимондаҳои ин расму таомули қадим дар Хева то асри XIX пойдор буд. Ҳар сол дар вақти тоза кардани ҷӯйбор, баъди маросими пурдабдаба, худи хон ба ҷӯй медаромаду ба даст каланд гирифта, онро гӯё тоза карданӣ мешуд.[25]

Аҳамияти иҷтимоӣ ва агар ин таъбир ҷоиз бошад – «мартабаи» каналковон дар Шарқи қадим чунон баланд буд, ки масалан, дар асотири шумерӣ худи худоён ҷӯй мекобанд, каланд мезананд ва хокро ба сабад андохта, пушторакунон берун мебароранд.[26]

Дар Мисри Птолемей каналковию дарғотсозӣ бо мадади аҳолии маҳаллии мутеъ анҷом дода шуда, давлат онҳоро ба ин кор иҷборӣ сафарбар менамуд. Умуман, таомул ҳамин буд, ки дар ин кор бояд ҳама иштирок кунанд, вале намояндагони табақаҳои болоии ҷамъият андози муайяне медоданду ба кор намебаромаданд. Касони ба каналковӣ сафарбаршударо давлат бо каланду сабади хоккашонӣ таъмин мекард ва онҳо баъди анҷоми кор бояд каланду сабадро гашта медоданд.[27]

Дар Шарқ манфиати одии иқтисодӣ тақозо мекард, ки тамоми аҳли деҳот дар каналковӣ иштирок кунанд. Ин гуна корҳои мураккаб бе идораву танзими давлат анҷом ёфта наметавонист ва чи тавре К. Маркс дар асари худ «Ҳукмронии Британия дар Ҳиндустон» навиштааст:

«Шароити обу ҳаво ва хусусияти хок... системаи обёрии сунъиро, ки бо ёрии каналҳо ва иншооти ирригатсионӣ ба амал бароварда мешавад, асоси зироаткории шарқ гардонидаанд... Он функсияи иқтисодӣ, ки ҳамаи ҳукуматҳои Осиё маҷбуран ба ҷо меоварданд, яъне функсияи ташкили корҳои ҷамъиятӣ аз ҳамин система ба миён меомад. Чунин системаи ба таври сунъӣ баланд бардоштани ҳосилхезии замин, системае, ки ба ҳукумати марказӣ вобаста буда, дар сурати бо корҳои ирригатсионӣ ва хушккунии заминҳо бепарвоӣ кардани ин ҳукумат фавран ба таназзул меафтод, сабаби чунин факте мебошад, ки территорияҳои бисёр калоне, ки як замонҳо хеле обод буданд... ҳоло ба биёбони беҳосилу беодам мубаддал шудаанд...»[28].

Муаррихони советӣ дар солҳои 40–60-ум нуктаи дар таърихи Осиёи Миёна инкишоф ёфтани сохти ғуломдориро аниқ ва амиқ намуда, масъалаҳои таърихи сиёсӣ, тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, муомилоти пулӣ, маданият ва дигар ҷиҳатҳои ин сохтро муфассал тадқиқ намуданд. Ғайр аз ин кӯшиш карданд, ки хусусияти сохти ғуломдории Осиёи Миёнаро муайян намоянд ва марҳалаҳои тараққиёти онро муқаррар кунанд.[29] Хуллас, дар илми

---

[23] ИТН, I, с. 476.
[24] Дяконов И. М., 1949, с. 27.
[25] Ғуломов Я.Ғ., 1957, с. 262.
[26] «Возникновение и развитие земледелия», М., 1967, с. 37–38.
[27] Крюгер Е.В., 1936, с. 27–30; Зелин К. К., Трофимова М.К., 1969, с. 74–75.
[28] К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 9, с. 132.
[29] Дар ин бора ниг.: Бернштам А.Н., 1949; Толстов С.П., 1938 б, с. 417–219.

советӣ чунин ақида пойдор шуд, ки дар Осиёи Миёнаи қадим сохти ғуломдорӣ ҳукмрон буд.[30]

Тадқиқи маҷмӯи материалҳои таърихӣ касро ба чунин ақида водор мекунад, ки сохти ғуломдории Осиёи Миёна баъзе хусусиятҳои муҳим дошт. Ҳанӯз дар нашри якуми «Таърихи халқи тоҷик» (М., 1949) баъзе хусусиятҳои принсипиалии сохти ҷамъиятии Осиёи Миёнаи қадим таъкидан баён шуда буд. Ин ақида дар нашрҳои минбаъдаи ин асар инкишоф дода шуд ва хеле аниқтар гардид.

Дар ҷилди I асари коллективонаи «Таърихи халқи тоҷик» (М., 1963) ҳамон материалҳое, ки дар солҳои 60-ум оид ба Осиёи Миёнаи қадим дар ихтиёри илм буд, таҳлил карда шуда, бо мадраки таърихии иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои ҳамҷавори Шарқ муқоиса карда шуданд. Ин тадқиқоти аз ҳама пурратару ботартибтар дар ҳалли ин масъала, инчунин қадаме ба пеш буд.

Дар болои мубоҳиса оид ба «тарзи осиёии истеҳсолот» махсус таваққуф кардан даркор.

Дар охирҳои солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм дар илми советии таърих оид ба «тарзи осиёии истеҳсолот» мубоҳисаи калон ба вуқӯъ омад. Ин мубоҳиса дар миёнаҳои солҳои 60-ум боз авҷ гирифт ва зимнан ба мубоҳисаи дувум баромади олимони марксисти хориҷа[31] ибтидо гузошт. Дар ин мавзӯъ дар журналҳои илмӣ бисёр мақолаҳо чоп шуданд, маҷмӯаҳо ва асарҳои алоҳида интишор гардиданд.[32]

Истилоҳи «тарзи осиёии истеҳсолот» дар асарҳои асосгузорони марксизм дучор меояд. Вале дар ибтидои солҳои 80-уми асри Х1Х вақте К.Маркс ва Ф.Энгелс бевосита ба масъалаҳои таърихи қадим машғул шуданд, диди онҳо ба ин масъала тағйир ёфт. Дар асари Ф.Энгелс «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» (с.1884) ба ҷойи «тарзи осиёии истеҳсолот» сохти ибтидоӣ ва баъди ин сохти ғуломдорӣ омадааст. Соли 1887 Ф.Энгелс навишта буд:

«Дар даврони қадими осиёӣ ва классикӣ ғуломдорӣ шакли асосии зулми синфӣ буд, яъне на он қадар замини оммаҳо мусодира карда мешуд, балки бештар шахсияти онҳо аз они худ карда мешуд... Дар асрҳои миёна аз замин озод кардани халқ не, балки, баръакс, ба замин вобаста намудани вай манбаи истисмори феодалӣ буд»[33].

В.И.Ленин дар асари махсуси худ «Дар бораи давлат»[34], ки ба форматсияҳои иҷтимоию иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳар як форматсияро муфассал тавсиф дода, ба ҷойи ҳамдигар бо тартиб омадани онҳоро баён кардааст, вале В.И.Ленин истилоҳи «тарзи осиёии истеҳсолот»-ро ҳатто ном намебарад ва фақат дар матни иқтибосҳое зикр мекунад, ки аз асарҳои дахлдори К.Маркс гирифтааст. Мо ҳамфикри он олимони советӣ ҳастем, ки ба ақидаи онҳо К.Маркс ва Ф.Энгелс бо мурури вақт аз тасаввурот оид ба ким чи

[30] Якчанд олимони советӣ, ки дар ин бобат дигар хел ақида доранд (И.И.Умняков, А.М.Беленитский), маҷбуранд, ки асосан бо изҳори баъзе мулоҳизаҳои манфӣ қаноат кунанд ва ба ҷойи нуктаи дар Осиёи Миёнаи қадим вуҷуд доштани сохти ғуломдорӣ ягон фикри асосноки боварибахш пешниҳод карда натавонистанд.

[31] Баъзе асарҳои ин олимон дар матбуоти мо чоп шудаанд («Народы Азии и Африки», 1965, № 1).

[32] «Ҷиҳатҳои умумӣ ва хусусии инкишофи таърихии мамлакатҳои Шарқ. Материалҳои мубоҳиса оид ба форматсияҳои ҷамъиятии шарқ (Тарзи осиёии истеҳсолот)», М., 1966; Качановский Ю.В., 1971; «Проблемы», 1971; Никифоров В.Н., 1975.

[33] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Соч., т. 21, с. 348–349.

[34] В.И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 29.

хел «тарзи осиёии истеҳсолот» даст кашидаанд. Кӯшишҳои В.И.Ленинро ҳам тарафдори «тарзи осиёии истеҳсолот» карда нишон додан низ ҳеҷ як асос надорад.

Дар айни ҳол, дар рафти мубоҳисаи охирин маълум шуд, ки мазмуни форматсияи ғуломдориро бештар ҳартарафа ва васеътар муайян кардан зарур аст. Чунин ақида ҳаст, ки сохти ғуломдорӣ гӯё чунон ҷамъияте бошад, ки дар он аксарияти (ва ҳатто қисми асосии) истеҳсолкунандагони бевосита бояд ғуломон бошанд – ҳол он ки ин ақида мутлақо беасос ва догматикӣ аст. Воқеан таърих аз ин гуна ҷамъиятҳо хабар надорад ва ҳама вақт ғуломон қисми камтари аҳолиро ташкил медоданд. Худи авзои ғуломон ниҳоят гуногун шуданаш мумкин буд. Билохир, он ҷамъияте, ки мо ҷамъияти ғуломдорӣ меномем, аслан гуногунуклад буд.[35]

Ҳамаи инро дар вақти дида баромадани сохти ҷамъиятии Осиёи Миёнаи қадим ба назар нагирифтан мумкин нест.

## 2. ТАСАВВУРОТИ ҲОЗИРАЗАМОН ДАР БОРАИ СОХТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МИЁНАИ ҚАДИМ

### Тақсимоти иҷтимоӣ ва молумулкӣ

Аллакай дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II пеш аз милод дар Туркманистони ҷанубӣ тақсимоти молумулкӣ равшан ба назар мерасад. Дар Теппаҳисор ном осори эронӣ, ки ба ҳамин давраҳо тааллуқ дорад, қабрҳои ниҳоят бойи сардорон ёфт шудааст. Дар Туркманистони ҷанубӣ ин гуна қабрҳои боён нестанд, вале дар қатори гӯрҳои муқаррарӣ гӯрҳое ҳастанд, ки фарқи калон доранд. Масалан, чунин аст қабри коҳинае, ки бо ангуштарини тилло ва шаддаи зебо гӯронда шудааст (дар Олтинтеппа). Паҳн шудани муҳр ҳам аз инкишофи тақсимоти молумулкӣ ва иҷтимоӣ далолат мекунад. Ёфт шудани хазинаҳо нишони он аст, ки сарватандӯзӣ аз тарафи намояндагони баъзе хонаводаҳо сар шудааст.[36] Сохтмони қасру коху маъбад барин биноҳо аз мавҷудияти ҷамъияте шаҳодат медиҳад, ки аз афти кор, аллакай ба синфҳо тақсим шудааст.

Тақсимоти молумулкӣ ва иҷтимоӣ дар ҷануби Осиёи Миёна, аниқтараш дар Туркманистони ҷанубӣ нисбат ба дигар ноҳияҳои ҳамсоя хеле барвақттар оғоз ёфтааст. Сабаби ин гуна «барвақтии» инкишофи Туркманистони ҷанубӣ гуногун мебошад. Аз ҷумла, яке аз сабабҳо ҳамин, ки дар Туркманистони ҷанубӣ барои зироати обии қадимӣ шароити аз ҳама қулайтар (дар Осиёи Миёна) фароҳам омадааст. Аз дигар тараф, Туркманистони ҷанубӣ дар бобати робита бо дигар тамаддунҳои шаҳрии Шарқ авзои муносибтаре дошт.

Инкишофи ҷамъияти синфӣ дар Туркманистони ҷанубӣ аввал мунтазам боло рафта, вале дар мобайн ва дар нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод суст шудан гирифт. Ин ҳолат беихтиёр шимоли Ҳиндустонро ба хаёл

---

[35] Дяконов И.М., 1966, с. 47–52.
[36] Массон В.М., 1967 б, с. 187.

меоварад. Дар бораи хусусияти дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ки дар он давраҳо дар ҷамъияти Туркманистони ҷанубӣ ба вуқӯъ меомаданд, фақат тахминан гап задан мумкин аст. Шакке нест, ки аллакай дар оянда дар он давра тақсимоти калони иҷтимоӣ ва молумулкӣ вуҷуд дошт. Инчунин мавҷудияти дизҳо (манзилҳои мустаҳками аркдор) низ ҷолиби диққат аст, ки онҳо дар охири ҳазораи II ва аввали ҳазораи I на фақат дар Туркманистон, балки дар Бохтар низ маълум буданд. Чунин суханони Ф.Энгелсро пурра ба онҳо нисбат додан мумкин аст: «Беҳуда нест, ки дар атрофи шаҳрҳои нави мустаҳкамгардида деворҳои даҳшатовар қомат рост кардаанд: дар хандақҳои зери ин деворҳо гӯри абгори сохти авлодӣ намоён шуда меистад; бурҷҳои онҳо бошанд, то ба тамаддун расидаанд».[37]

Дар нимаи аввали ҳазораи I пеш аз милод тақсимоти молумулкӣ, иҷтимоӣ ва пайдоиши синфҳо бо қувваи нав авҷ мегирад. Ҷиҳати нави ин падида ҳамин, ки он акнун тамоми ноҳияҳои асосии Осиёи Миёнаро фаро мегирад. Инъикоси онро дар «Авесто» ва ҳатто дар қисмҳои қадимтарини он дидан мумкин аст. Ба ақидаи муаллифони «Авесто», сарват, пеш аз ҳама, чорво мебошад. Паҳлавони таҳамтан Хумо соҳиби «галаҳои хуб» будааст; «ҳавлиҳое» зикр шудаанд, ки «аз чорво бой будаанд». Ба худи Зардушт шахсе даҳ модиёни тойчадор ва як шутурро инъом карданӣ шудааст ва чи тавре В.И.Лившитс ҳаққонӣ қайд мекунад: «ба гумон, ки ин одам зироаткори одӣ бошад».[38]

Дар бораи сохти иҷтимоии Осиёи Миёна дар миёна ва нимаи дувуми ҳазораи I пеш аз милод маълумот ниҳоят кам аст. Фақат баъзе ишораҳо оид ба тақсимоти иҷтимоӣ ба назар мерасаду бас. Масалан, дар байни бохтариҳо ва суғдиён «наҷибтаринҳое» (nobilissimi) будаанд, ки бо «наҷобати», худ аз дигарон фарқ доштаанд (Квинт Куртсий, VII, 10, 4; Арриан, VII, 6. 3). Дар Осиёи Миёна ғуломдорӣ ҳам расм будааст. Масалан, дар сарчашмаҳо ривояте ҳаст, ки сокинони ноҳияи ғарбии давлати Ҳахоманишиҳоро «ғулом гардонда» ба Осиёи Миёна кӯчонда овардаанд. Ана ҳамин тавр сокинони Барка ном шаҳри юнониёнро (воқеъ дар шимоли Африка) дар Бохтар муқимӣ кардаанд (Геродот, IV, 204). Форсҳо юнониёни ионии шӯришбардоштаро метарсонанд, ки худашонро ғулом карда, духтарони онҳоро ба Бохтар муҳоҷир хоҳанд кард (Геродот, VI, 9). Аз афти кор, ғуломонеро, ки аз ноҳияҳои ғарбии давлати Ҳахоманишиҳо меоварданд, одатан дар Бохтар маскун мекарданд. Вале ин ғуломон ғуломони подшоҳ буданд. Дар бораи ғуломони хусусии ин давра маълумот камтар аст. Масалан, танҳо як хабар ҳаст, ки (ҳамон ҳам комилан аниқ не) Спитамани суғдӣ ғулом (servus) доштааст (Квинт Куртсий, VIII, 3, 9). Дар айни замон дар маъхазҳо ишорат меравад, ки дар ташкили иҷтимоии аҳолии ондавраи Осиёи Миёна падидаҳои сохти авлоду қабилавӣ ба назар мерасанд. Шояд ба ҳамин сабаб аҳолии яке аз шаҳрҳои шимоли Суғд қабила ё авлоди (gens) момакон номида шудаанд (Квинт Куртсий, VII, 6, 17).

Аъёну ашрофи Суғд ва Бохтар дар замони Искандари Мақдунӣ соҳиби сарвати азим буд. Бевосита набошад ҳам, ба ин, масалан, кирдори Ҳуриён ном шахсе далолат мекунад, ки тамоми лашкари мақдуниёнро дар муддати ду моҳ бо хӯрокворӣ таъмин карда тавонистааст (Арриан, IV, 21, 10). Портии машҳур

[37] К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, т. 21, с. 164.
[38] ИТН, I, с. 145-146.

аз авлоди Сурен, ки Крассро торумор карда буд, ба қавли Плутарх («Ҳаёти Красс», 21), «одаме будааст бағоят нодир, ҳам дар сарват ва ҳам дар наҷобат ва ҳам дар шуҳрат нафси сонӣ баъди шоҳ... Бидуни тӯша, ки бори ҳазор шутур будааст ва бидуни дусад ароба канизак ба сафар намебаромадааст. Ҳазор паҳлавони зиреҳпӯш ва аз ин беш сарбозони мусаллаҳ ӯро мушоият мекардаанд, тамоми нукару саворагону ғуломони вай аз даҳ ҳазор меафзудааст». Мусофире қайд кардааст, ки дар Даван «ҳавлиҳои пурсарват» ва «калоншавандаҳо» ҳастанд; бойҳо захираи фаровони шароб доштаанд. Бойҳои усуниҳои кӯчманчӣ галаҳое доштаанд, ки ҳар яке 4–5 ҳазор сар будааст.

## Таркиби ҷамъияти Осиёи Миёна дар охири ҳазораи I пеш аз милод ва ибтидои ҳазораи I милодӣ

Дар тангаҳои Юнону Бохтар ва давраҳои баъдтар ва инчунин дар тангаҳои Кушониён чунин унвони юнонӣ ё худ шарқиэронии сардори давлат сабт гардидаанд – «волӣ», «шоҳ», «шаҳаншоҳ». Дар як муҳри ҳиндӣ ба хатти кушонӣ номе зикр шуда, баъди он унвони он шахс – «вазурк фрамалар»[39] омадааст. Дар Эрони сосонӣ ҳам сардори маъмуриятро «вазург фрамадар» мегуфтаанд, ки гӯё як навъ сарвазир буд. Ба ин мансаб фақат муқаррабони шоҳ ё худ намояндагони авлодҳои машҳур соҳиб шуда метавонистанд.[40] Вале бояд дар назар дошт, ки дар Осиёи Миёна маънои ин унвон дигар буданаш ҳам мумкин, зеро дар матнҳои мансуб ба давраҳои аввали асри миёнаи Суғд фармондор «маъмури хоҷагии дарбор» буд.[41] Аммо аз эҳтимол дур нест, ки дар замони Кушониён унвони мазкур унвони маъмури олии (ё яке аз унвонҳои олии) давлат буд.

Дар Эрмитажи давлатӣ[42] ва дар Музеи Британия[43] муҳрҳое ҳастанд, ки дар онҳо унвони «ҳазорахт» сабт шудааст ва он ҳамчун ҳазорпати Сосониён мебошад.[44] Санаи ин муҳрҳо муайян нест, эҳтимол, онҳо ба давраҳои баъди Кушониён мансуб бошанд. Дар бораи ҷойи таҳияи онҳо ҳам ягон гапи муайян задан мумкин не, вале мо метавонем барои исботи дар асрҳои III–IV милодӣ дар Бохтар мавҷуд будани идораи мукаммали давлатӣ онҳоро чун далели иловагӣ ба кор барем. Дар катибаи Сурхкӯтал гуфта шудааст, ки унвони Ноқанзоқ «каралраг» буд. Ба ақидаи В.Б.Ҳеннинг ин бо унвони сосонӣ «канорang» (яъне сарҳадбон) як асту соҳиби ин унвон волии ноҳияи шарқӣ (яъне ноҳияи ба Осиёи Миёна ҳамсарҳади) давлати Сосониён буд. Вазифаи ин волӣ асосан ҳарбӣ буд, на гражданӣ. Баъд ин унвон дар Осиёи Миёна хеле паҳн шуд, масалан, дар ибтидои асрҳои миёна намояндагони оли Самарқанд чунин унвон доштанд[45].

Дар муҳре, ки дар Эрмитажи давлатӣ маҳфуз аст, В.Б.Ҳеннинг калимаи «асбаропат»-ро хонд. Қисми аввали калима калимаи забони форсии миёна

[39] Bivar A. Д. Н., 1961, p. 320–322.
[40] Дяконов М.М., 1961, с. 299.
[41] Лившитс В.А., 1962 б, с. 134–135.
[42] Stavisky B.S., 1960, p. 107.
[43] Bivar A. Д.Н., 1965, p. 209-210.
[44] Henning W.B., 1965 в, s. 81.
[45] Ibid, S. 77–78.

«асбар», яъне «савор» мебошад. Қисми дувуми калима аз «пат»-и забони қадимаи форсӣ аст, ки ба маънои «соҳиб» меояд. Хуллас, аниқаш ҳамин, ки ин калима ном не, балки унвон буда ва маънои он «сардори саворон аст»[46].

Дар яке аз геммаҳои кушонӣ номи соҳиби гемма «Харбалан» (яъне «Харсавор») сабт шудааст. В.А.Лившитс ишорат кардааст, ки ин ном дар ду катибаи ҳиндӣ, ки аз Сарнатҳа (қарибии Банорас) ёфт шудааст, дучор мешавад ва зимнан яке аз катибаҳо сана дорад ва он ба соли севуми ҳукмронии Канишка рост меояд. Дар ин катиба дар бораи иморати ибодатгоҳи буддоӣ хабар дода шуда, дар байни донаторҳо ду «сатрап» –Wanaspara ва Kharapallano зикр мешавад. Шахси дувум талаффузи номи ҳиндии касест, ки дар гемма сабт гардидааст, Vanaspara бошад, аз Wanaspar-и бохтарӣ бармеояд ва маънояш «зафардод» аст. Дар дувумин катибаи мазкур Kharapallano «сатрапи аъзам» номида шудааст».[47]

Аз тадқиқи Порт маълум буд, ки идораи маъмурӣ - вилоятӣ ва маҳаллӣ ниҳоят маъмул буду барои пахш намудани истеҳсолкунандагони бевосита хизмат мекард.

Инак, ду қутб: дар як тараф, ашроф, ки дар даст ҳокимияту сарвати беандозаро нигоҳ медошт ва дар тарафи дигар, ононе, ки ин сарватро ба вуҷуд овардаанд. Дар бораи таркиби аҳли меҳнат (агар маҳз аз Осиёи Миёна сухан равад) дигар маълумоти муфассалтаре нест. Дар маъхазҳои то ба мо расида хабаре нест, ки қасрҳоро кӣ месохт, қалъаву истеҳкомҳоро кӣ барпо менамуд, кӣ дар устохонаҳои шаҳр кор мекард ва аҳолии деҳот аз киҳо иборат буд. Шакке нест, ки дар Осиёи Миёна ғуломон[48] ҳам буданду аҳолии мазлуму мутеъ ҳам.

Бояд қайд кард, ки (дар асоси исботи забоншиносон) барои ифодаи ғуломи давраи падаршоҳӣ ҳиндуаврупоиён ҳанӯз дар давраи биринҷӣ истилоҳе доштанд, пас онҳо дар ҳамон замонҳо аз ғуломдории падаршоҳӣ воқиф будаанд. Дар давраи «Авесто» ҳам ғуломону одамони мутеъ вуҷуд доштаанд. Агар давраҳои сонитарро гирем, дар бораи ғуломони Суғд, Порт маълумоте ҳаст, дар бораи ғуломоне низ сухан меравад, ки аз Бохтар ва эҳтимол, аз Фарғона мешудаанд. Дар «Мактубҳои қадимаи суғдӣ» ва дигар осори хаттии суғдиён истилоҳоти «вандак» («банда», «ғулом») ва «дайя» («чӯрӣ») дучор мешавад. Дар никоҳхати суғдиён (аввали асри VIII милодӣ) чор тоифаи мардумони мутеъ зикр шудааст. Дар байни онҳо ғуломони дар боло зикршуда вандакҳо, ғуломони ба ҷойи пули қарз гирифташуда нипакҳо ва шахсони асир афтода ғуломшуда – ванакҳо номбар шудаанд. Дар айбномаи Сосониён, ки дар асри V милодӣ таълиф шудааст, ду тоифа ғуломон – бандакҳо (яъне умуман ғуломон) ва анашҳракҳо (яъне шахсони асир афтода ғуломшуда) ба назар мерасанд.[49] Дар ду катибаи рӯйи устухондонҳои Тӯққалъа (Хоразм), ки санаи онҳо дар як вақт аст, истилоҳи «хуноник» пайдо шуд. Мувофиқи баъзе мадракот дар Хоразм истилоҳи «хун» маънои асири ғарибро доштааст.

---

[46] Henning W. B., 1962.

[47] Лившитс В.А., 1967, с.168–170. Дар бораи сохти маъмурии давлати Кушон олими Ҳиндустон Б.Н Пурӣ (Puri B. N. 1965, p. 80–87; аз ҷумла, мавҷуд будани шӯрои шоҳ ҳам дар ҳамин ҷо) маълумоти муфид ҷамъ кардааст.

[48] Маълумоти маъхазҳо дар бораи ғуломони Осиёи Миёна дар ҷилди I «Таърихи халқи тоҷик» (М., 1963) ҷамъ ва таҳлил карда шудааст.

[49] ИТН, I, 1963, с. 468-276.

Барои ҳалли масъалаи сохти иҷтимоию иқтисодӣ хуҷҷатҳои Тупроққалъа аҳамияти махсус доранд (асрҳои II–III милодӣ). Ин рӯйхати аҳли хонаводаҳост, аниқтараш, рӯйхати мардони оила, яъне рӯйхати тоифаи агнатӣ мебошад. Масалан, дар ҳуҷҷати № 8 гуфта мешавад, ки тоифа аз 21 кас иборат, аз ҷумла, 4 шахси озод (соҳибхона, ду писари калонаш ва домодаш). Ғуломон бошанд (ё худ хизматгорон) 17 нафар, зимнан 12 нафари онҳо ғулом (ё хизматгори) худи соҳибхона, 2 нафарашон аз они занаш, 2 нафари дигар аз они писаронаш ва 1 ғулом аз они писари канизи соҳибхона[50]. То нашри пурраи ҳуҷҷатҳои мазкур аз тафсири таърихии он беҳтараш худдорӣ кардан даркор. Вале бори дигар таъкид мекунем, ки меҳнати ғуломон на ягона буду ва на, аз афти кор, афзалияте дошт. Ин гап, аз ҷумла ба хоҷагии қишлоқ ҳам дахл дорад.

Ҳиндушинос – марксисти машҳур Валтер Рубен (РДГ) ақида дорад, ки дар Ҳиндустон шумораи ғуломон хеле зиёд буд, вале бевосита дар истеҳсолот (ҳам дар хоҷагии қишлоқ ва ҳам дар ҳунармандӣ) онҳо мақоми баланд надоштанд, зеро самараи меҳнатии онҳо зиёд набуд.[51]. Вазъият на фақат дар Ҳиндустон чунин буд, балки чи тавре олимони советӣ нишон доданд, дар аксари мамлакатҳои дунёи қадим, ки дар он ҷо истеҳсолоти молӣ тараққӣ накарда буд, чунин вазъиятро дидан имкон дошт. И.М.Дяконов менависад: «...Фақат Коринф, Афина ё Рим (ҳам Рими республикаи сонӣ ва ҳам Рими империяи аввал) барин ҷамъиятҳо, яъне фақат баъзе ҷамъиятҳои дунёи қадим, ҷамъиятҳое, ки дар онҳо ғолибан истеҳсолоти молӣ равнақ дошт, дар инкишофи пуравҷи ғуломдории ғайридавлатии миқёсан хеле калон мисол шуда метавонад.»[52]

Ба фикри мо ҳам, дар Осиёи Миёна меҳнати ғуломон, аз ҷумла меҳнати ғуломон дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ роли ғайриасосӣ, аниқтараш, роли дувумдараҷаро мебозид.

Ба ин муносибат бояд таъкид кард, ки мувофиқи шаҳодати баъзе мадракоти бевосита ва бисёр мадракоти бавосита дар Осиёи Миёнаи қадим, чунончи, умуман дар Шарқи қадим[53] ҷамоат мақоми ниҳоят баланде дошт. Ҷамоатҳои хонаводагии падаршоҳӣ ва ҷамоатҳои ҳамсоягон, ки онҳоро муттаҳид менамуданд, ҳамон таҳкурсие буд, ки бар он ҷамъияти қадим пойдор меистод. Ин ҷамъият, бо таъбири И.М.Дяконов, пеш аз ҳама, ташкилоти одамони озоду ғуломдорони баробарҳуқуқ буд.[54]

Дар Суғди давраҳои аввали асрҳои миёна (ва аз афти кор, аз ин ҳам пештар) ҷамоат (наф) аз ашроф (озоткорон), савдогарон (ҳавокорон) ва деҳқонони озоди ҷамоату ҳунармандон (корикорон)[55] иборат буд. Умуман, аз давраҳои «Авесто» сар карда дар забони эронӣ муқобилгузории шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ боло ба шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ паст ба назар мерасад.

---

[50] Гудкова А.В., Лившитс В.А., 1967, с. 13–14; Бентович И.В., 1969, с.304-305.

[51] Ruben W.. 1961, 5. 101.

[52] Дяконов И. М., 1963, с. 18.

[53] Тюменев А. И., 1956; Дяконов И. М., 1959; 1963 ва диг.

[54] Дяконов И. М., 1963, с. 33.

[55] ИТН, I, с. 472.

Шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ болоро «озод» меномиданд.[56] Ба онҳо шахсони мутеъ, пеш аз ҳама, ғуломон муқобил меистоданд. Ба қавли Ф.Энгелс, «истибдоди шарқӣ ба моликияти умумӣ асос ёфта буд».[57]

Гарчанде дар сохти иҷтимоию иқтисодӣ муносибатҳои ғуломдорӣ мақоми муҳим доштанд ва чуноне ки бисёр муҳаққиқон нисбат ба Шарқ инро раво медонанд, ҷамъиятро умуман ҷамъияти ғуломдорӣ номидан мумкин аст, вале ба ақидаи мо, дар Осиёи Миёна дар истеҳсолот дар тамоми муддати давраи қадим аҳли ҷамоат роли пешбаранда доштанд ва ин, алалхусус, дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аён аст. Ин замоне буд, ки дар деҳот ҷамоати қишлоқ ҳукмронӣ мекард.[58]

Хусусияти ҷамоатӣ доштани зироаткорӣ протсесси аз хоҷагии натуралӣ ба хоҷагии молӣ гузаштанро хеле суст кард, зеро маълум аст, ки «ҳар қадар таназзули тарзи ҷамоатии зиндагонӣ бештар бошад, ба мол табдил ёфтани маҳсулот... ҳамон қадар зиёдтар мешавад».[59]

Чи тавре дар бобҳои болоӣ нишон додем, дар Осиёи Миёна ҳаёти шаҳрӣ барвақт оғоз ёфта, бо бисёр мамлакатҳо робитаи савдо баста шуд, вале хусусияти натуралии хоҷагӣ мисли пештара мақоми асосӣ дошт. Агарчи ба туфайли ин савдои дохилӣ ва муомилоти пул чандон чуқур паҳн нашуда бошанд ҳам, онҳо дар ҳар ҳол «барои ба системаи ғуломдорӣ, ки ба истеҳсоли арзиши изофа нигаронида шудааст, табдил ёфтани системаи патриархалии ғуломӣ, ки ба истеҳсоли васоили бевоситаи зиндагӣ нигаронида шудааст»[60], мусоидат карданд.

Дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва даштии Осиёи Миёна инчунин воҳиди тақсимнашудаи ҳунармандӣ байни шаҳру деҳот вуҷуди худро идома медод. Дар ин ҷойҳо ҳунармандӣ аз зироаткорӣ ҳанӯз қатъиян ҷудо нашуда буд.

Ҳамзистӣ ва ҳамкории зичи ноҳияҳои зироаткор ва олами қабилаҳои кӯчманчӣ дар тӯли бисёр асрҳо ва ҳазораҳо ҳодисаи хоси тараққиёти таърихии Осиёи Миёна ва бисёр дигар мамлакатҳои Шарқ буд.[61]

Яке аз вазифаҳои истибдоди шарқӣ бо мақсади ғорати кишварҳои дигар ва ғасби заминҳои бекарон доимо ҷанг кардан буд.

Инчунин бояд қайд кард, ки тараққиёти хоҷагӣ ниҳоят нобаробар буд ва, аз ин рӯ, дар инкишофи муносибатҳои ғуломдорӣ дар вилоятҳои гуногуни Осиёи Миёна низ нобаробарӣ ба назар мерасад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ноҳияҳои пешқадам воҳаҳои Суғд, Хоразм, Бохтар (Тахористон), Фарғона ва Хуросон буданд. Воҳаҳои нисбатан маҳдуди кӯҳистони доманаи Помир, Бадахшон, Кӯҳистон ва ғ. андак қафо мемонданд. Ноҳияҳои Ҳафтрӯд, назди Арал, соҳили Каспий ва ноҳияҳои Қазоқистони ҳозира гӯшаҳои қафомондаи дурдаст ҳисоб

---

[56] Дар бораи таърихи ин истилоҳот ниг.: Bailey H.W., 1932. p. 952–954. Дар бораи «озода»-ҳои матнҳои хутанусакоӣ ниг.: Bailey H. W., 1960. p. 45. Дар бораи истифодаи ин истилоҳот дар ҳуҷҷатҳои ҳиндӣ, ки ба кҳароштӣ (Туркистони шарқӣ) навишта шудаанд, ниг.: Burrow T., 1934, p. 509.

[57] К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 20. с. 647.

[58] Баъзе муҳаққиқон кӯшиш доранд, ки манзилгоҳҳои хурди зироаткори дар Бохтари шимолӣ ёфтшударо ҳамчун манзилгоҳҳои ҷамъиятӣ ба қалам диҳанд – дар ин бора ниг.: Массон В. М., 1974, с. 9; Пидаев Ш. Р.. 1976, с. 192–193.

[59] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 23, с. 89.

[60] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 25, қисми I, с. 364–365.

[61] Тафсилоти инро ниг.: Ғафуров Б. Ғ., 1968, с. 7–8.

мешуданд. Воҳаҳои Чоч ва Истаравшан як навъ ноҳияҳои гӯё буферӣ буданд. Дар хоҷагии чорводории даштҳо ва дар хоҷагиҳои маҳдуди кӯҳистон сохти авлодӣ хеле вақт боқӣ монд. Дар ноҳияҳо муносибатҳои ғуломдорӣ тезтар инкишоф меёфтанд. Умуман, бояд қайд кард, ки дар Осиёи Миёна муносибатҳои ғуломдорӣ он қадар амиқ нашуданд, ки дар олами антиқа шуда буданд.

Зиддияти асосии беш аз пеш тезутундшавандаи синфӣ дар байни ду тараф ба назар мерасад, аз як тараф, ашрофи беш аз пеш бойшавандаи ҳарбиёну ғуломдорону коҳинон, ки соҳиби ғуломони бисёру заминҳои беканор ва корвонҳои бешумор буданд ва, аз тарафи дигар, аҳли одии ҷамоат, ки гирифтори шаклҳои гуногуни асорати сарватдорон буданд.

Ҳокимияти давлатӣ дар дасти ашрофу коҳинон бо сарварии мустабиду лашкари вай буд – ҳамаи онҳо дар дӯши халқ менишастанд. Табақаи ҳукмрон ба ҳокимияти муқтадири марказӣ такя карда, ғуломон ва аҳли ҷамоатро истисмор менамуд.

К.Маркс ҳатто дар бораи Рим барин мамлакати классикии ғуломдории антиқӣ навишта буд: «... дар Рими қадим муборизаи синфӣ фақат дар дохили ақаллияти имтиёзнок, дар байни боёни озод ва камбағалони озод ба амал меомад ва ҳол он ки оммаи бузурги истеҳсолкунандаи аҳолӣ, яъне ғуломон, барои ин муборизон танҳо пояи сусте шуда хизмат мекарду бас»[62].

Алалхусус, дар Осиёи Миёна, ки оммаи асосии истеҳсолкунандаи он аҳли озоди ҷамоат буд, зиддиятҳои асосии синфӣ, ки ба онҳо маъхазҳои қадим норавшану нимғурма ишорат мекунанд, маҳз дар байни ашроф ва камбағалони озоди ҷамоат ҷой дошт.

Чунин аст мухтасаран манзараи протсессҳои иҷтимоӣ, ки аз асри VII пеш аз милод то худи асри III–IV милодӣ ба амал омаданд. Дар бобати ташаккули халқҳои Осиёи Миёна ҳаминро гуфтан даркор, ки дар ин давра ба ҷойи робитаи авлодӣ ва баробари ин робитаҳо беш аз пеш робитаҳои маҳаллӣ мустаҳкам мешаванд. Ҷамоатҳои деҳот аллакай ба андозае иттифоқҳои ноҳиявӣ ҳам буданд. Ғайр аз иттиҳоди муқаррарии қабилаҳои ҳамсоя, инчунин протсессҳои омезиши онҳо, ташаккули халқиятҳо ба назар мерасад.

Аммо дар он шароити таърихӣ, чунонки Энгелс дар бораи Юнони антиқӣ таъкид карда буд, протсесси ташаккул ёфтани халқҳо танҳо боиси барпо шудани иттифоқи қабилаҳое мегардид, ки қисман бо ҳамдигар алоқаманд буданду бас. Он вақт барои ташаккули халқи ягонаи калон ҳанӯз замина набуд.[63] Ин нуктаи Ф.Энгелсро мисоли Осиёи Миёна ҳам тасдиқ мекунад. Дар ин давра дар бораи халқи муттаҳиди Суғд ё Хоразм сухан рондан ғалат аст. Дар он замон танҳо марказҳои маҳаллӣ, халқҳои гуногуни камшумори Суғд, Хоразм, Балх, Хуросон ва дигар вилоятҳо буданду бас.

---

[62] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 16, с. 375.
[63] Ниг.: К.Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 22, с. 482–483.

# ФАСЛИ СЕВУМ

# ПАЙДОИШИ МУНОСИБАТҲОИ ФЕОДАЛӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

# БОБИ ЯКУМ

# ТОИФАҲО ВА ХАЛҚИЯТҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ IV–VI МИЛОДӢ

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСӢ

### Давлати Сосониён

Дар ибтидои асри III милодӣ дар натиҷаи ҷангҳои дурударози пуртаҳлукаи зидди римиҳо ва низоъву херхашаҳои дохилӣ давлати Порт завол ёфт. Зиддияти синфии байни ашрофу ғуломдор ва аҳли ҷамоату ғуломон якбора тезутунд шуда рафт; дар дасти ашроф бисёр заминҳои киштбоб ҷамъ омад.

Барои барпо намудани идораи давлат чунон мубориза авҷ гирифт, ки он тавонист, ҳам истеҳсолкунандагони бевоситаро дар итоат нигоҳ дорад ва ҳам ба афзудани иқтидору сарвати ашроф мусоидат намояд: ашрофони Форс бо коҳинони зардуштия ҳамдастӣ карда, дар ин мубориза мақоми намоёнро соҳиб шуданд.

Дар аввали соли 220 милодӣ ҳукмрони вилояти Истахр (дар Форс) Ардашери I Бобакони Сосонӣ[1] ҳокими тамоми Форс гардид. Соли 224 Ардашери I лашкари охирин намояндаи Оли Ашкониён Ардавони 1-ро торумор намуда, ҳокимиятро ба даст гирифт ва давлате таъсис дод, ки дар тамоми сарзамини Эрон вусъат дошт.

Ба ҷойи портҳо омадани Сосониёнро табдили муқаррарии подшоҳон гуфтан ғалат аст. Оли Портҳо, ки «дар задухӯрдҳои зидди Рим суст гашта, дар банди зиддиятҳои мураккаби иҷтимоӣ монда, дар байни Ғарби ғуломдорӣ ва Шарқи ҷамоатию авлодӣ мекалавид, ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ таҳрик дода натавонист. Ин корро давлати Сосониён кард»[2].

Давлати Сосониён зиёда аз 400 сол (224 ё 226–651) вуҷуд дошт. Дар аҳди Сосониён чунин ҷиҳатҳо ҷолиби диққат аст. Якум, тақрибан аз асри IV милодӣ дар давлати Сосониён муносибатҳои феодалӣ босуръат инкишоф меёбад. Дувум, бархилофи қувваҳои марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо мақоми ҳокимияти марказӣ дар Эрон баланд мешавад, бинобар ҳамин Ф.Энгелс давлати Сосониёнро «подшоҳии... батартиб» номида буд[3]. Севум,

---

[1] Бобои Ардашери I Бобакон Сосон ном коҳини маъбади Анаҳито буд – номи сулола аз ҳамин ҷост.

[2] Дяконов М.М., 1961, с. 260. Дар бораи кӯшишҳои аз нуқтаи назари марксистӣ идрок намудани протсессҳои иҷтимоии давраи аввали давлати Сосониён ниг.: Пигулевская Н.В., 1956 а, с. 150–152. Дар бораи мадракоти таърихи ба тахт нишастани Ардашер ниг.: Луконин В.Г., 1961, с. 9–24.

[3] К.Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 28, с. 222.

таъсири коҳинони зардуштия ниҳоят баланд мешавад, дини зардуштӣ ба дараҷаи дини давлатӣ мерасад ва ба Ардашери I чунин ҳикматро нисбат медиҳанд: «Тахт пояи меҳроб асту меҳроб пояи тахт».

Дар аҳди писар ва ворисӣ Ардашер шоҳ Шопури I (солҳои 242–272) Сосониён лашкари римиҳоро торумор карданд, дар як муҳориба як императори Рим кушта шуду дар муҳорибаи дигар боз як императори Рим асир афтод. Давлати Сосониён дар аҳди Шопури II (солҳои 309–379) хеле қувват гирифта, дар шарқу ғарб дар чандин муҳорибаҳо ғолиб омад ва шаҳрҳо таъсис намуд. Шоҳ Яздигурди I (солҳои 399–420) кӯшид, ки ба насрониён такя карда, ҳуқуқи ашроф ва коҳинони зардуштиро маҳдуд намояд; бояд гуфт ки дар давлати Сосониён насрониён бисёр буданд.

Тартиботи бераҳмонаи давлати Сосониён боиси эътирози сахти халқҳо, аз ҷумла, боиси эътирози сахти халқҳои ноҳияҳои тасхиргаштаи Осиёи Миёна ва Моварои Кавказ шуд. Шӯриши ин ноҳияҳо, таҷовузи кӯчманчиён давлати Сосониёнро ба ларза меовард ва шоҳу шоҳзодагони сосонӣ ба асирӣ меафтиданд ё гарави кӯчманчиёни Осиёи Миёна мешуданд ва яке аз ин гуна шоҳон Пирӯз (солҳои 459–484) аст. Дар Эрон неҳзати иҷтимоӣ низ ҷой дошт, ки яке аз онҳо неҳзати маздакия мебошад ва дар айни он дар зери зарбаҳои тавонои халқ қариб буд, ки давлати Сосониён вожгун шавад.

Давлати Сосониён дар аҳди Хусрави I Анӯшервон (солҳои 531–579) ба авҷи иқтидори худ расид. Хусрави I ҷангу ҷидоли бисёре карда, ҳатто Ямани Арабистонро тасхир намуд ва аз ғайри ин чанд ислоҳоти ҳарбӣ гузаронд, ки онҳо муносибатҳои навбунёди феодалиро мустаҳкам карданд ва ба инкишофи минбаъдаи он мусоидат намуданд. Ислоҳоти соҳаи андоз, ҳарбӣ ва маъмурии Хусрави I аҳамияти калон дошт. Ин ислоҳот ғайр аз ин ҳокимияти марказиро ҳам тақвият дод.

Шоҳони сосонӣ кӯшиданд, ки воҳаҳои Осиёи Миёнаро ба давлати худ ҳамроҳ кунанд ва ин кӯшиши онҳо барабас нарафт. Дар миёнаҳои асри V онҳо ноҳияҳои Осиёи Миёнаро аз даст медиҳанд ва ин ҷойҳо ба дасти кӯчманчиён мегузарад. Вале андаке сонитар ноҳияҳои Туркманистони ҷанубӣ боз ба тасарруфи Сосониён медарояд. Давлати Сосониён дар миёнаи асри VII милод аз зарбаи арабҳо сукут ёфт.

## Кидориён

Мадраки асосӣ роҷеъ ба Кидориён дар ахбори маъхазҳои зерин ҳастанд. Дар солномаи Бэй-ши ривоят мешавад, ки ҳокими йуҷиҳо аз ҳамлаи жожҳо хавф бурда, дарбори худро ба шаҳри Боло кӯчонд. «Пас аз ин подшоҳи диловари йуҷиҳо Сидоло аз кӯҳҳои баланд убур карду ба шимоли Ҳиндустон ҳамлавар шуд ва шимолтар аз Гантоло панҷ давлатро зери даст овард». Баъди ин солнома воқеаҳои соли 424-ро нақл мекунад. Аз дигар ривояти Бэй-ши маълум мешавад, ки Сидоло ба ноҳияҳои йуҷиҳои сағир ҳам ҳукмфармо будааст, вале сонӣ «хуннҳо ӯро пеш кардаанд ва ӯ ба ғарб рафтаасту» ҳукуматро ба дасти писараш додааст.[4]

[4] Бичурин, II, с. 264–266.



**Тангаи кидориён**

Чанд навъ тангаҳо ҳастанд, ки дар рӯйи онҳо ба браҳмӣ «Кидара Кушона ша» навишта шудааст. Ҳуруфи танга далолат мекунад, ки он дар ким-кадом ноҳияи ҷануб, дар паси Ҳиндукуш бароварда шудааст ва мувофиқи маълумоти нумизматӣ ба давраи солҳои 390–430 нисбат дорад. А.Бивар ин тангаҳоро таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки ин гуна тангаҳоро паси ҳам камаш ду ҳоким сикка мезаданд.[5] К.Еноки исбот мекунад, ки Кидориён тақрибан дар солҳои 412–437 Тахористон ва Қандаҳорро тасарруф карда буданд.[6]

Дар маъхазҳои ғарб (Приски Понӣ) гуфта мешавад, ки «гуннҳое, ки онҳоро кидориён меноманд», солҳои 456 ва дар солҳои минбаъда зидди Эрони сосонӣ мубориза бурдаанд. Дар зери санаи соли 456 Приски Понӣ (19) хабар медиҳад, ки шоҳи «портӣ» (яъне сосонӣ) зидди гунну кидориён меҷангид. Худи ҳамон маъхаз зери санаи соли 464 менависад, ки ҳукумати Сосониён чунин иддаое дошт: «Римиён (Византия–Б.Ғ.) уҳдадор шуданд, ки агар форсҳо зидди гунну кидориён ном тоифае ба ҷанг дароянд, ёрии пулӣ хоҳанд расонд, зеро агар дасти форсҳо боло шавад, барои римиён суд ҳамин мешуд, ки гуннҳоро (кидориёнро) рухсат намешуд ба сарзамини Рим дароянд» (Приски Понӣ, 25).

Маълум, ки Сидолои маъхазҳои Хитой (талаффузи қадимиаш ($ki^{w}$o-tâ-lâ)[7] ва Кидораи рӯйи тангаҳо худи ҳамон як ном аст. Ба ҳар ҳол, дар бораи дигар ҷиҳатҳои масъала алҳол бо итминон ягон гапи муайян зада намешавад. Агар ба маъхази Хитой бовар кунем, мо ҳам гуфта метавонем, ки кидориён хеши кушониён ва ҳатто як ҷузъи кушониён буданд, вале ин иддаоро дигар маъхазҳо тасдиқ намекунанд. Масъалаи муносибати кидориёни ба Ҳиндустон рафта ва он кидориёне, ки ба қавли Приск, зидди Сосониён ҷангидаанд, мутлақо норавшан аст. Чанд фарзияи зарифона пешниҳод шудааст, мувофиқи яке аз ин фарзияҳо кидориёну хиёниён қариб як тоифаанд ва азбаски хиёниён ба ном тобеи шоҳи кидориён буданд, бинобар ин онҳоро ҳам «кидориён»[8]

[5] Ghirshman R., 1948, p. 78–79; Bivar A.Д.Н., 1956, 26–27; Луконин В.Г, 1967, с. 32–33.
[6] Enoki K., 1959, p. 11.
[7] Pelliot P., 1934, p. 43.
[8] Манделштам А. М., 1958.

меномиданд. Маълумоте ҳаст, ки Кидориён ҳанӯз соли 477 аз Гандҳара ба Хитой ҳайати сафорат фиристодаанд.[9]

## Хиёниён

Соли 346/47 шоҳи Сосониён Шопури II дар сарҳади шарқии давлати худ меистод, зеро ба он ҷо, ба қавли Аммиан Марселлин (16, 9, 4), «хиёниёну авсанҳо», ки худ «еусан» мегуфтаанд, ҳуҷум карданӣ будаанд. И. Маркварт[10] ақидае пеш ниҳод, ки дар калимаи «еусан» як ҳарф ғалат рафта ва онро «кусан» яъне кушон хондан даркор. Агар ин гуна ислоҳро эътироф кунем (бисёр муҳаққиқон инро раво мешуморанд), пас хиёниён бо кушониён (бо кидориён ҳам?) ҳамгун ва ҳатто якҷоя мешаванд. Баъди ин (17, 5, 1) Аммиан Марселлин нақл мекунад, ки ба Шопур муяссар шудааст бо халқҳои дурдаст– «хиёниён ва гелонҳо» муоҳада бандад.

Соли 359 дар асоси муоҳада хиёниён дар ҳайати лашкари Шопури II дар қарибии шаҳри Сурия–Умеда ба ҷанг медароянд. Сардори лашкари хиёниён Грумбат ном «марде будааст тоза ба тахт нишаста ва синнаш аз миёна боло нарафта, вале чеҳра пур аз чину ожанг гашта ва дар сиёсат заковати комил дошта ва аз зафарҳои бешумор шуҳрат ёфта. Ҳамроҳи вай писараш низ будааст ҷавоне барно, вале дар коргоҳ ҳалок гашта» (Аммиан Марселлин, 18, 6, 20, 19, 1, 7–11).

Дар охири солҳои 60-ум ва миёнаи солҳои 70-ум Шопури II ду бор ба сари «кушониён», ки пойтахти онҳо дар Балх будааст, лашкар кашидааст. Тафсилоти ин муҳорибаҳоро муаррихи арман Фавст Бузанд ба қалам додааст. Бори аввал «шоҳи кушониён» Шопури II шахсан худаш дар сари лашкар будааст, вале ин ба форсҳо мадад накардааст. «Лашкари кушониён лашкари форсҳоро торумор кард, бисёр форсҳоро аз дами теғ гузаронд»,– менависад муаррихи арман. Бори дувум Шопури II ба нияти ниқор лашкар кашид, вале ин дафъа ҳам ҳоли форсҳо табоҳ шуд.[11]

Маълум, ки дар ин маврид дар зери номи «кушониён» ким-чи хел дигар як тоифа – кидориён, хиёниён ё худ, эҳтимол, ҳар дуи онҳо дар назар дошта шудааст.

Дар катибаи Самадрагупта, ки дар сутуни Оллоҳобод нақш ёфтааст, аввал «дайвапутра-шахи-шаханушахи-шака-марунда» зикр гардида, баъд арзи аҳолии Сарандеб барои ҷазираҳо забт шудааст ва дар аризаи худ мардуми ин ҷазираҳо ба Самадрагупта изҳори итоат намуда, ба вай занҳо ва духтаронро пешкаш мекунанд ва аз вай ярлиқе металабанд, ки аз рӯйи он ба шарти эътироф намудани ҳукмронии Самадрагупта мамлакати худро худашон идора карда тавонанд. Муҳаққиқони ин катиба унвонеро, ки дар боло дар нохунак оварда шуд, ҳар хел тавзеҳ медиҳанду ҳар як олим (мувофиқи салоҳдиди худаш) онро ба ҷузъҳо тақсим мекунад. Дар байни ин тавзеҳот тавзеҳи олими ҳинд Будҳа Пракаш ба назар дурусттар менамояд. Ба ақидаи вай тамоми

[9] Enoki K., 1959, p. 27. Ба қавли вай, дар байни солҳои 477–520 Ҳайтолиён дар Гандҳара Кидориёнро торумор кардаанд (Enoki K., 1955 б, p. 236; 1958, p. 1).

[10] Marquart J., 1901, s. 36.

[11] Тревер К. В.. 1954, с. 133-134.

ибораи «дайвапура-шахи-шаханушахи» як истилоҳи том буда, кадом як аз подшоҳони барҷастаи миёнаи асрҳои IV-уми Кушониёнро дар назар дорад (санаи катиба ҳам ба санаи ин давра мувофиқ аст).

Ба фикри дигар муаррих А. С. Алтекар, дар катибаи Оллоҳобод Кидара[12] зикр шудааст ва ин фикр ҳам ҷолиби диққат мебошад. Дар ин маврид дар байни ахбори Фавст Бузанд роҷеъ ба «шоҳи кабири Кушониён»[13] ва унвони катибаи ҳиндӣ, ки дар он аз «шоҳаншоҳи» улвӣ сухан меравад, иртиботе пайдо мешавад. Вале ба доираи маъхазҳо дохил кардани ин катиба ҳам тамоми авзоъро қобили идрок карда наметавонад, масалан, маълум не, ки муносибати байни кирдориён ва хиёниён чӣ гуна буд.

Вале шояд маъхазҳои хитоиро ба инобат гирифтан даркор бошад? То вақтҳои охир ақидае вуҷуд дошт, ки онҳо дар бораи хиёниён маълумот намедиҳанд. Алҳол олими японӣ К. Еноки исбот мекунад, ки ахбори маъхазҳои хитоӣ роҷеъ ба Судэро тасхир кардани «хуннҳо» ва чунин ривоят, ки онҳо «ҳокими Судэро кушта, заминҳои вайро забт намуданд» (ва зимнан ҳоким Хунн насли чорумин пас аз он воқеаҳо будааст), ба Суғд нисбат дорад ва дар ин ҷо зери номи «хуннҳо» аслан хиёниён маҳфуз мебошанд.[14] Вале тамоми он чизе, ки аз ин ахбор гирифтан мумкин аст, танҳо зикри ҳамин воқеа, ки Суғдро дар ким-кадом давра хиёниён забт карда будаанд ва таҳлили санаҳо (ахбор ба соли 437 дахл дорад) нишон медиҳад, ки онҳо, эҳтимол, Суғдро қабл аз пайдо шудани худ дар ҷануби Осиёи Миёна забт кардаанд, яъне аз Суғд гузашта рафтаанд.

Бояд қайд кард, ки дар маъхазҳо хиёниёну кидориён байни худ омехта мешаванду вале байни маълумотҳо дар бораи хиёниён ва ҳайтолиён ҳад гузоштан аз ин ҳам мушкилтар аст. Ин гап ба воқеаҳои нимаи аввал ва миёнаи асри V нисбат дорад. Муаррихони араб Табарӣ ва Диноварӣ хабар медиҳанд, ки ба тахти Сосониён Варахрони V Баҳроми Гӯр (солҳои 420–437) нишасту дере нагузашта ба Хуросон хоқони «туркон» дарафтод ва мамлакатро ба ғорат бурд. Баҳроми Гӯр вонамуд, ки ба Озарбойҷон меравад, вале худаш бо эҳтиёти тамом пинҳонӣ ба «туркҳо» наздик омад, ки онҳо дар қарибии Марв хайма зада, бепарвоёна дам мегирифтанд. Инак, сарбозони Баҳроми Гӯр наъраи мудҳише кашидаанду «туркҳо» рӯ ба гурез ниҳоданд. Баҳроми Гӯр хоқони «турк»-ҳоро кушт, зани ӯро ба даст овард ва лашкари ӯро то худи Амударё таъқиб намуд ва дар назди Омул аз дарё убур карду ба «туркҳо» наздик шуда буд, ки онҳо арзи итоат намуданд ва илтимос карданд, ки байни онҳо ва худаш сарҳаде муқаррар кунад ва онҳо аз ин сарҳад нахоҳанд гузашт. Баҳром маҳаллеро, ки ба хоки «туркҳо» хеле амиқ мерафт, интихоб намуд. Фармуд, ки дар он ҷо бурҷе бардоранд ва ин ҷоро сарҳад таъйин кард» – менависад Диноварӣ.

Табарӣ менависад, ки дар байни туркҳо ва ноҳияҳое, ки бо «кишвари туркҳо» ҳамсарҳад буд, сарҳад муқаррар карда шуд. Вай муфассал номбар мекунад, ки Баҳроми Гӯр чӣ ғанимате ба даст оварда буд. Вале муҳимаш

---

[12] Buddha Prakash, 1957, 1954 p. 135. Бархилофи ин Д.Аллан ақида дорад, ки сухан аз намояндагони гуногуни «халқҳои сакоӣ ва кушонӣ» меравад ва ноҳияи сукунати онҳо аз сарҳадҳои Ҳиндустон то Амударё тӯл мекашид (Allan J., 1914, p. XX–XXVIII).

[13] Тревер К. В., 1954, с. 134.

[14] Бичурин, II, с. 260; Enoki K., 1955 a, 1959, p. 24–25.

ҳамин ки вай волии Хуросонро таъйин мекунад ва мегӯяд, ки қароргоҳи вай дар Балх буд[15]. Пас сарфи назар ба ғалаба вазъияти сарҳади шарқӣ назорати доимиро тақозо дошт. Шояд гуфтаи Фирдавсӣ роҷеъ ба он ки пас аз шикасти «туркҳо» ашрофи Чағониёну Хатлону Балху Бухоро маҷбур буд ба Эрон хироҷ диҳад, ба ҳамин воқеа алоқа дошта бошад.

Дар бораи кадом «туркҳо» сухан мерафта бошад? Шакке нест, ки худи ин ном анахронизм аст. И.Маркварт ба ду ҷиҳат диққат дод – аввалан, дар як достони паҳлавӣ («Ёдгори Зарирон») аз разми шоҳи Эрон Виштосп ва шоҳи хиёниён Арҷосп сухан меравад ва зимнан корзор дар даштҳои ноҳияи Марв будааст. Баъди ғалаба Виштосп ба Балх бармегардад. Ҳамаи ин тафсилоти муҳорибаҳои Баҳроми Гӯрро ба ёд меоварад. Дувум, валиаҳди Хуросон ба унвони «марзбони Кушон» (яъне «сарҳадбони кушон») соҳиб мешавад.[16] И.Маркварт дар асоси ҳамин ба хулосае меояд, ки Баҳроми Гӯр, дар ҳақиқат, ба хиёниён ҷангида буд ва ин хулосаи вай боварибахш аст.[17]

Чаро унвони валиаҳди Балх «марзбони Кушон» буд? Ин ду сабаб доштанаш мумкин. Якум, ба қавли Табарӣ, Баҳроми I Гӯр як қисми хоки Ҳиндустонро, ки дар он маҳалҳо мулки Кушониён вуҷуд дошт, ба мамлакати худ ҳамроҳ карданӣ буд ва инак, унвони мазкур гӯё як навъ намоиши сиёсӣ ҳам буд. Дигар сабаб ҳамин: дар Эрон гумон доштанд (ё медонистанд), ки байни хиёниёни навомада ва Кушониёни аз қадим маълум ким-чӣ хел алоқае ҳаст. Сабаби дувумро ҳамин як далел ҳам тақвият медиҳад. Дар аҳди Яздгурди II (солҳои 438–457) зидди кӯчманчиёни шимол ҷанг идома дошт. Иштирокчӣ ва ҳамасри ин ҷанг муаррихи арман Егише Вардапет хабар медиҳад, ки шоҳи Сосониён «ногаҳон ба кишвари *хиёниён тохт, ки онҳоро Кушониён ҳам мегӯянд* ва ду сол ҳарб зад, вале натавонист онҳоро ба итоат дарорад»[18]. Хуллас, ду маъхазе, ки бо ҳам мутлақо вобаста нестанд, хиёниёнро бо кушониён алоқаманд кардаанд. Ин исботи ақидаест, ки хиёниёнро аз кушониён ҷудо кардан нашояд.

Яздгурди II ҳатто маҷбур шудааст, ки қароргоҳи худро ба шимол кӯчонад. Авзои пуртаҳлука дар ин ҷо зиёда аз даҳ сол тӯл кашид. Худи ҳамон муаррихи арман Егише Вардапет менависад, ки соли 450 «Яздгурд лашкари бешумор гирд оварда, раҳсипор шуд ва ба кишвари ҳайтолиён расид. Шоҳи кушониён инро дида, ҷуръати ҳарб наёфт ва рӯ ба гӯшаҳои дастнораси биёбон фирор кард». Баъди ин Яздгурди II сарзамини Кушониёнро ба ғорат бурд, бисёр шаҳрҳо, асирон ва сарватро ғанимат гирифт. К.В.Тревер дар асоси ибораи «кишвари Ҳайтолиён»-и ин матн хулосае мебарорад, ки ҳайтолиён дар ин давра «аз афти кор, ҳанӯз бар кушониён ҳукмфармо набуданд»[19]. Вале мо ба ин фикри К. В. Тревер розӣ не, баръакс, ба фикри мо, матни мазкур далели он аст, ки ҳайтолиён бар хиёниён ҳукмфармо шудаанд ва тамоми хоки («кишвари») онҳо аз они ҳайтолиён ҳисоб мешуд, вале онҳо ҳанӯз дар ҷангҳои зидди Эрон иштирок намекарданд.

---

[15] Nöldeke Th, 1879, s. 98–102; Шмидт А. Э., 1958, с. 445–447–475.
[16] Nöldeke Th, 1879, s. 101–102.
[17] Marquart J., 1901, s. 50–52.
[18] Тревер К.В., 1954, с. 136 (хатти гусиста аз ман.– Б. Ғ.).
[19] Дар ҳамон ҷо, с. 136–137.

## Ҳайтолиён

Инак, дар ахбори муаррихи арман, ки ба соли 450 нисбат дорад, «кишвари ҳайтолиён» номбар шудааст. Егише Вардапет хабар медиҳад, ки солҳои 453–454 Яздгурди II боз ба шоҳи Кушониён дарафтоданӣ шуд, вале шоҳи Кушониён ин нияти ӯро пешакӣ фаҳмиду ба форсҳо зарбаи мудҳише зад ва бисёр ҷойҳои Эронро ба хок яксон намуду ба ғорат бурд[20].

Е.Е.Неразик дар асоси таҳлили матн чунин ақидаи ба фикри мо ҳам қобили қабулро изҳор намуд, ки юриши Яздгурди II нисбат ба юришҳои пештараи вай ба ноҳияҳои шарқтар нигаронида шуда буд, эҳтимол, муҳориба на бо хиёниён, балки акнун бо ҳайтолиён рӯй дода бошад.[21] Гуфтан мумкин, ки ин аввалин задухӯрди ҳарбии Эрони сосонӣ бо ҳайтолиён буд ва сосониён аз ҳамин задухӯрдҳо бояд фаҳмида бошанд, ки душмани нав – душмани ниҳоят пурзӯри тавоно пеш омада истодааст. Вале ҳамаи ин ҳоло аввали кор буд.

Иттиҳодияи нав дар солҳои 50-уми асри V ба дараҷае қувват гирифт, ки ба дигар мамлакатҳо ҳайатҳои сафорат мефиристодагӣ шуд; соли 456 ба Хитой ҳайати сафорати ҳайтолиён меояд[22]. Агар ба ин дараҷа тез қувват гирифтани иттиҳодияи ҳайтолиёнро дар назар дошта бошем, равшан мешавад, ки «гунну кидориён» дар охири солҳои 50- 60-уми асри V беҳуда ба ҳайтолиён тазъйиқ наоварда будаанд.

Дар аҳди Пирӯз (солҳои 459–484) муборизаи зидди ҳайтолиён ба авҷи худ расид. Аз хабари муаррихони араб маълум мешавад, ки Пирӯз бо дастгирии аҳолии «Тахористон ва атрофи он» ҷулус кардааст. Вай «иқтидори ҳайтолиёнро афзуд ва ба мукофоти мадади онҳо ваъда дод, ки ба сарҳади онҳо дахл нахоҳад кард». Вале Табарӣ ривоят мекунад, ки «сипас, Пирӯз ба сари тоифае лашкар кашид, ки Тахористонро соҳиб буданд ва худро ҳайтолӣ мехонданд». Пирӯз бо лашкари худ то ба таги ҳамон бурҷе расид, ки Баҳроми Гӯр сохта буд. Баъди ин Табарӣ як ривояти афсонамонандеро меоварад, ки Пирӯз чӣ илоҷе ёфта, ваъдахилоф набудани худро нишон доданӣ шудааст (гап аз он ваъдае меравад, ки Пирӯз ба шоҳи ҳайтолиён Хушнавоз дода буд ва мувофиқи он бояд аз сарҳадди ҳайтолиён намегузашт: Маълум, ки сарҳади ҳайтолиён ҳамон бурҷ буд ва инак, «Пирӯз ба таги он бурҷ расиду фармуд, ки 50 фил ва 300 паҳлавонро бар он илҳоқ созанд ва филону паҳлавонон бурҷро пеш мекашиданду Пирӯз аз паси он меомад ва бо ҳамин илоҷ ваъдаеро, ки ба Хушнавоз дода буд, гӯё вайрон намекард». Дар ин муҳорибаи зидди ҳайтолиён Пирӯз ва бисёре аз лашкари вай ба хандаққое, ки махсус дар сари роҳ канда шуда, рӯйи онҳоро номаълум пӯшонда, ноаён карда буданд, афтиданду кушта шуданд. Ҳайтолиён тамоми Хуросонро тасхир намуданд[23]. Диноварӣ менависад, ки номи шоҳи «туркҳо» яъне ҳайтолиён Хушнавоз буд. Вай ҳам мисли Табарӣ менависад, ки хандаққои чуқур канда, рӯйи онҳоро ноаён пӯшида монда буданд. Худи подшоҳ ва бисёр аскарони вай ба ин хандақ афтиданд ва ба қавли муаррих, «ба адам рафтанд». Вақте Пирӯз ба ин хандақ

[20] Егише Вардапет, 1953, с. 256–257.
[21] ИТН, I, с. 410.
[22] Enoki K., 1955 б, р. 234.
[23] Шмидт А. Э, 1958, с. 448–449; Nöldeke Th., 1879. s. 115–132.

афтида банд мешавад, ӯро бо санг зада мекушанд ва тамоми қароргоҳи вай, духтараш, мӯбади пираш, занҳояш ва сарваташ ба дасти ҳайтолиён меафтад[24]. Дар бораи ин хандақи рӯпӯши пуроб дар маъхази византӣ ҳам маълумоте ҳаст (Прокопий Кесарский, I, 4).

Ин воқеа на фақат дар сарчашмаҳои арабӣ, балки инчунин дар сарчашмаҳои сурианӣ, византӣ ва арманӣ ҳам тасвир шудаанд. Баъзе ҷиҳатҳои масъаларо хотирнишон мекунем. Пирӯз зидди ҳайтолиён се бор ҷангидааст. Ҷанги якум бо ҳамин анҷом ёфт, ки вай асир афтоду вале шоҳи Византия пули бисёре дода, ҷони вайро харида, аз асорат озод кард. Пас аз муддате боз ҷангро сар мекунаду боз асир меафтад. Аз афти кор, маҳз дар вақти бори дувум асир шуданаш ваъда додааст, ки дигар аз сарҳади ҳайтолиён нахоҳад гузашт ва ба замми ин бояд товони ниҳоят калон – 30 хачир танга медод. Пирӯз дар асорат истода фармуд, ки товонро ба ҳайтолиён биёваранд, аммо хазинаи дар ҷангҳо холишуда ин миқдор пул надошту фақат як қисми онро дод. Вале Пирӯз писарашро ба гарав монда, ба ҳар ҳол, аз асорат раҳо ёфт. Агар ба хабари Приски Понӣ бовар кунем (1,27), Пируз ҳайтолиёнро фиреб додааст ва ин ба ҷанги севум баҳона шудааст. Гап дар ин, ки Пирӯз ба «гуннҳо» таклиф кардааст, ки муоҳидаи сулҳ банданд ва чун гарави софу покии нияти худ ба подшоҳи «гуннҳо» духтареро ба занӣ додаасту гуфтааст, ки ин духтар ба вай хоҳар мешавад. Духтар ба дарбори шоҳи «гуннҳо» меояду қаллобии Пирӯзро фош мекунад ва мегӯяд, ки вай хоҳари Пирӯз не, балки канизи вай аст. Шоҳи «гуннҳо» Кунҳо аз ин найранги Пирӯз бениҳоят музтар шуда, ба нияти қасос аз Пирӯз илтимос мекунад, ки ба ихтиёри вай муаллимони илми ҳарб фиристонад, зеро вай лашкари калон дораду аммо сарлашкарони пуртаҷриба надорад. Вақте ин муаллимон ба ихтиёри подшоҳи ҳайтолиён омаданд (Пирӯз 300 эронии наҷибро фиристода буд), ҳайтолиён як қисми онҳоро гӯшу биниву забон бурида, сар доданду боқимондаро куштанд.[25] Инак, боз ҷанг сар шуд, ки ин ҷанги севум буд ва дар ин ҷанг Пирӯз бешарафона ҳалок шуд[26].

Ин шикасти мудҳиш аҳолии Эронро ба воҳима андохт. Ба қавли сарчашмае дар Эрон, «ҳатто дар айёми амонӣ касе набуд, ки ҷасурона ва

---

[24] Altheim F., 1960, с. 51-52; муаллифони арабу форсзабон номи ин подшоҳро Хушнавоз (Фирдавсӣ) ё Ахушунвор (Табарӣ) гуфтаанд (Marquart J., 1901, s.60; Лившитс В.А., 1969, с.67). Ақидае ҳаст, ки ин ном аз забони эронӣ бармеояд ва аслан *axsondar «ҳукмдор» ё *axsonwar («ҳоким») аст. (Maenchen-Helfen O. J., 1959, p. 230). Мумкин аст, ки ин ном не, балки унвон бошад.

[25] Дар бораи ин воқеаҳо ниг.: Пигулевская Н.В, 1941, с. 56-59. Приски Понӣ Кунҳоро шоҳи гуннукидориён меномад. Дар катибае номи ин шоҳ Гунҳоз аст (Altheim F., 1959, I, s.32). Ин маъхазро ҳар гуна тавзеҳ додан мумкин. Эҳтимол, хабари Приски Понӣ ба худи кидориён дахл дошта бошад, ки онҳо якҷоя бо ҳайтолиён ба Эрон ҳуҷум мекарданд. Соли 468 аз Византия хабар расид, ки «форсҳо бар гунну кидориён ғолиб омадаанд ва шаҳри онҳо Валаамро муҳосира намудаанд» (Приски Понӣ, 35) ва ин хабарро ба Византия ҳайати сафорати форсҳо бурда будааст. Гумон меравад, ки Валаам қароргоҳи кӯчиест дар ким-куҷои ҷанубу ғарби Туркманистон. Аммо инро дигар хел тавзеҳ додан ҳам мумкин – масалан, Приски Понӣ ҳамаи гуннҳои Осиёи Миёнаро «кидориён» ва Балхро Валаам меномиду дар ривояте, ки роҷеъ ба кидориён дошт, мадракоти оид ба кӯчманчиёни гуногуни Осиёи Миёна ба ҳам омезиш ёфта буд.

[26] Феофани Византӣ менависад: «Шоҳи ҳайтолиён Ҳайтол, ки номи тоифа аз ӯст, Пирӯзро мағлуб сохту форсҳо ин ҷойҳоро аз даст доданд (тарҷумаи русии пурраи ин матнро ниг.: «Византийские историки», 1960, с. 493). Эҳтимол, номе, ки Феофан меорад, маҳсули этимологияи халқӣ бошад.

нотарсона ба ҳайтолӣ нигарад ва агар номи ҳайтолиро шунавад, ҳатто ба ларза меомад».

Зиёда аз ин, як форси наҷиб ба шароите, ки дар Эрон баъди Пирӯзро торумор кардани ҳайтолиён ба вуҷуд омада буд, чунин баҳо додааст: «Пирӯз меҳани ин қадар аъзаму ин қадар мустақили моро чунон бандаи ҳайтолиён сохт, ки то мулки ориён (Эрон –Б.F.) вуҷуд дорад, аз ин бандагии пурғусса раҳоӣ намеёбад»[27].

Дар «Баҳман-Яшт», ки ба забони форсии давраҳои миёна таълиф шудааст, порчае ба назар мерасад, ки зотан бо воқеаҳои солҳои 80-уми асри IV иртибот дорад. Г. Бейли ин фикраро ба тариқи зайл овардааст: «Бад-ин минвол, ин тоифа, ки худ зодаи Ғазаб ҳастанд, садҳо, ҳазорон ва ҳазорон ҳазор мардумро туъмаи теғ сохтанд. Ин девҳои фатиламӯй ялаву аламни бешумори худро бардошта, ҳамла оварданд. Онҳо Эрони маро поймол карданд, ки он маҳсули дастранҷи Ҳурмуз аст, онҳо саросар ҳуҷум карданд, онҳо, ки туркону хиёниёни сурхи адӯ ҳастанд ва алами онҳо сарозер аст».[28]

Эрони сосонӣ, ки борҳо ба таги пойи вай императорҳои мағрури Рим сар мондаанд, дар охирҳои асри V фақат аз номи кӯчманчиёни бадҳайбати Осиёи Миёна ҳайтолиён ба ларза меомаду ба онҳо боҷ медод[29].

Мо хотирнишон карда будем, ки (дар байни солҳои 467–470 ва 480) ҳайтолиён Суғдро ишғол карданд. Баъди ин онҳо ба тасхири мулкҳои Туркистони шарқӣ шурӯъ намуданд. Онҳо соли 479 ноҳияи Турфон, солҳои 490–497 Урумчӣ, байни солҳои 497 ва 509 Қарошарaро[30] забт карданд. Аз қувват ва нуфузи ҳайтолиён дар Туркистони шарқӣ чунин воқеа шаҳодат медиҳад. Соли 522 волии яке аз мавзеъҳои ноҳияи Хара–Хото, ки аслан худаш аз жожҳо будааст, зидди хитоиҳо исён мекунаду баъд ба назди ҳайтолиён гурехта меояд ва аз онҳо барои рафъи душманони худ мадад мепурсад.[31]

Агар ба назар гирем, ки Хутану Кошғар ҳам ба ҳайати давлати Ҳайтолиён даромадаанд (эҳтимол, дар охири асри V), пас гуфтан мумкин, ки дар ибтидои асри VI ҳайтолиён ба тамоми Туркистони шарқӣ соҳибӣ мекарданд.

Солномаҳои хитоӣ номгӯи мулкҳоеро додаанд, ки ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил шуданд. Муқоисаи ин ахбор бо сарчашмаҳои давраҳои сонитари арабу форс имкон медиҳад, ба хулосае оем, ки давлати Ҳайтолиён қисми асосии Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт ва зоҳиран (инро ҳанӯз И. Маркварт ҳам қайд карда буд) қисми муҳимтарини мулки онҳо Тахористон буд. Ғайр аз ин, ҳайтолиён дар ҷануб ҳам чанд ҷойҳоро забт карданд. Масалан, онҳо дар нимаи дувуми асри V Қандаҳор[32] ва андаке баъдтар баъзе мавзеъҳои шимоли Ҳиндустонро тасхир намуданд.

Афсӯс, ки таърихи осиёимиёнагии Ҳайтолиён чӣ қадар мавҳуму пардапӯш аст. Дар маъхазҳои ҳиндӣ ҳайтолиёнро «хуно» (hūna) гуфтаанд. Мувофиқи мадраке охирин волии аъзами оли гуптҳо Скандагупта (санаи аҳдаш тақрибан

---

[27] Тревер К. В., 1954, с. 138.
[28] Bailey H. W., 1954, s. 13–14.
[29] Мувофиқи мадракоти нумизматӣ (Массон В. М., Ромодин В. А., 1964 .с. 204).
[30] Enoki K., 1955 в, p. 235.
[31] Enoki K., 1959, p. 25–26.
[32] Ба ақидаи Еноки К., ин воқеа дар байни солҳои 477 ва 520 ба вуқӯъ омадааст (Enoki K., 1959, p. 27), вале дар оғози ин фосила рӯй додани воқеаи мазкур бояд ба ҳақиқат наздик бошад.

солҳои 435–467[33], мувофиқи маъхази дигар аз солҳои 455–456 тахминан то соли 470[34]) маҷбур шудааст, ки аз онҳо худро дифоъ кунад ва тавонистааст онҳоро мағлуб созад.[35] Гумон меравад, ки ин аввалин тохтутозҳои ҳайтолиён буд ва онҳо то ин дам аллакай Қандаҳорро дар итоати худ доштанд.

Барои тавзеҳи давраҳои минбаъда дар дасти мо мадракоти сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла, солномаву навиштаҷоти ҳиндӣ, ривояти сайёҳони Хитой ва дигар мамлакатҳо ҳаст, ки маълумоти онҳо аксаран ба якдигар хилоф мебошад, ба ин сабаб тафсири онҳо низ чандин тобиш дораду ҳар олиме ақидаи худро роҷеъ ба онҳо ба тарзи худ баён кардааст. Дар солҳои охирини асри V ва даҳсолаи аввали асри VI дар сари хуноёни ҳинд Тарумана ном шоҳе меистод, ки дар яке аз катибаҳои ҳиндӣ дар ҳаққи вай гуфта шудааст: «Номдор Тарумана, подшоҳи беандоза машҳури олам». Валиаҳди ӯ писараш Миҳирақул шуд, ки дар бораи вай хеле баъдтар Сюан-сзан навишта буд, ки вай ба тамоми Ҳиндустон ҳукмронӣ мекард ва «бе истисно тамоми музофотҳои ҳамсояро ба худ тобеъ намуд». Аз афти кор, дар аҳди Миҳирақул мулки Ҳайтолиён дар шимоли Ҳиндустон, ҳақиқатан, ҳаддалимкон васеъ буд. Вале бисёр иқдомоти вай, алалхусус, буддоиёнро таъқиб кардани вай тамоми аҳолии Ҳиндустонро бар зидди вай хезонд. Миҳирақул дар ҷанги зидди волии гуптҳо Яшодҳарман шикаст хӯрд ва сонитар дар Кашмир ҳокимиятро ба даст гирифт.

Дар миёнаҳои асри VI қисми асосии шимоли Ҳиндустон аз ҳукми «хуно» – ҳайтолиён раҳоӣ ёфт. Сабаби ин (дар ин бобат ақидаи олими ҳинд Р. Маҷумдар мутлақо дуруст аст) на шикастҳое мебошанд, ки сарварони «хуноён»-и ҳинд ба онҳо дучор омаданд, балки дар ибтидои солҳои 60-уми асри VI ҳалокатбор торумор шудани ҳайтолиёни Осиёи Миёна мебошад[36]. Дар натиҷаи ин қадар зарбаи мудҳиш хӯрдани ҳайтолиёни Осиёи Миёна Ҳайтолиёни ҳинд аз ақибгоҳе, ки дар Осиёи Миёна доштанд, маҳрум шуданд ва дигар на қувваи нав гирифта тавонистанду на имдоди тоза ва маҳз ба туфайли ҳамин ба суқут расиданд, ки ин боз як мисоли робитаи зичи байниҳамдигарии таърихи Ҳиндустон ва Осиёи Миёна мебошад. Гарчанде дар Ҳиндустон ҷамоатҳои ҳайтолиён ва ҳатто вилоятҳои ҳайтолиён боз хеле вақт вуҷуд доштанд, вале акнун «хуно» – Ҳайтолиён дар таърихи Ҳиндустон дигар мақоми намоёнро соҳиб набуданд.[37]

Дар баёни таърихи сиёсӣ материали нумизматӣ дидаву дониста амалан истифода бурда нашуд. Асари чорҷилдаи Р.Гёбл «Ҳуҷҷатҳо оид ба таърихи хуноёни эронӣ дар Бохтару Ҳиндустон»[38] муфассалтарин тадқиқотест дар бораи тангаҳои кидориёну ҳайтолиён. Ин асар, ки таҳкурсии мукаммали ҳуҷҷатӣ дорад, ба тадқиқи илмии нумизматикаи ҳайтолиён асос мегузорад. Р. Гёбл тамоми он материали беандоза фаровонро ба 297 эмиссия, яъне сиккаи тангаҳо тақсим кардааст. Вай инчунин тартиби таснифи тангаҳоро ҳам тағйир додааст. Бисёр хатҳои рӯйи тангаҳо ба тарзи нав хонда шудаанд, хулосаҳои

[33] Синха Н.Қ., Банерҷӣ А.Ч., 1957, с. 89.
[34] «The Yâkâtako-Gupta age», 1954, p. 161–169; Majumdar R.C, 1957, p. 25, 28.
[35] «The Yâkâtako-Gupta age». 1954, p. 163–164; Majumdar R.C, 1954, p. 26.
[36] Majumdar R.C, 1954, p. 39.
[37] «The Yâkâtako-Gupta age». 1954, p. 174–175; Majumdar R.C, 1954, p. 26; McGovern W. M., 1939, p. 414–417.
[38] Göbl R., 1967.

ниҳоят пурмасъулу муҳимми таърихӣ изҳор гардидаанд. Мо меҳнати пурмашаққату дурударози муфиди ин олимро ба қадри лозима тақдир намуда, дар айни ҳол бояд гӯем, ки муҳимтарин асарҳои таърихӣ-нумизматии олимони советӣ аз доираи назари вай берун мондааст ва мо алҳол аз истифодаи хулосаҳои умумитаърихии вай худдорӣ менамоем, зеро асоси ин хулосаҳо ғолибан тарзи нави хондани хатти рӯйи танга мебошад, ки бисёр ҷиҳатҳои он баҳснок буда, ба тафтиши лингвистони эроншинос эҳтиёҷ дорад. Мутаассифона, пас аз нашри асари Р. Гёбл (ва инчунин асари қабл аз ин чопшудаи Р. Гиршман ва диг.) ҳам масъалаи ҳамчун мадраки мукаммали таърихӣ истифода бурдани тангаҳои ҳайтолиён ҳал нашуда монд; ҳалли ин масъала кори оянда аст.



**Тангаи ҳайтолиён**

Хуллас, Ҳайтолиён давлати ниҳоят калоне ба вуҷуд оварданд, ки андозаи он аз андозаи давлати Кушониён ҳам калонтар буду вале чӣ қадар калон бошад, ҳамон қадар сусту ноустувор буд. Аммо сарфи назар ба ин ҳайтолиён дар таърихи Осиёи Миёна ва бисёр мамлакатҳои Шарқ роли муҳим бозиданд. Маҳз онҳо тавонистанд дар Шарқ на фақат пеши роҳи урдуи Сосониёни Эронро гиранд, балки ба шоҳони кушонӣ зарбаи ҳалокатбор зананд. Парчами дастаҳои ҳайтолиён дар дашту саҳрои Эрон ҷавлон мезад, ба шоҳони ҳайтолиён вобаста буд, ки ин ё он одам дар Эрон шаҳаншоҳ мешавад ё не ва дар вақташ бурда супурдани боҷ яке аз вазифаҳои муҳимми бисёр ҳукуматҳои Эрон буд.

Халқҳои Моварои Кавказ, ки дар зери асорати Сосониён буданд, низ қомат афрохтанду зидди зулми Сосониён алангаи муборизаро боло хезонданд.

Дар солҳои 483–484 дар Иберия, Арманистон ва Алланияи Кавказ шуълаи шӯриш ба осмон мепечад. Шӯришгарон аз ҳайтолиён шикаст хӯрдани Пирӯз ва суст шудани иқтидори Сосониёнро истифода бурданд.[39] Ана ҳамин тавр, муборизаи халқҳои мазлуми Моварои Кавказ бо равнақи халқи Осиёи Миёна–ҳайтолиён ба ҳам печида рафт. Ниҳоят, ҳайтолиён дар этногенези Ҳиндустон, Афғонистон ва, алалхусус, Осиёи Миёна роли муҳим бозиданд.

---

[39] Дяконов М.М., 1961, с. 227.

# 2. МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ ЭТНИКӢ. МУБОРИЗАИ СИНФӢ

## Масъалаи пайдоиши хиёниён ва ҳайтолиён

Нависандаи суриёнии аввали асри VI Яшу Стилат менависад, ки: «хиёниён, ки худ гунн ҳастанд».[40] Вале ин даъворо бечунучаро қабул кардан лозим не. Дар назари муаллифони онзамонаи ғарб тамоми кӯчманчиёни Осиёи Миёна сарфи назар аз номи аслии онҳо, «гуннҳо» ё «гуннҳои сафед» буданд.

Баъзе муҳаққиқони имрӯза хиёниёнро бо «хиёаона»[41] ном тоифае, ки дар «Авесто» зикр шудааст, алоқаманд мекунанд. Онҳо душмани зардуштиён, душмани шоҳи одил Вишто будаанд, ки ҳомии Зардушт мебошад. Бар вифоқи матни «Авесто», онҳо «бадраг» ва «бадкеш» мебошанду аз афти кор, аз ҷумлаи кӯчманчиёнанд. Ф.Алтхайм, ҳатто таъбири «Авесто» – теғахӯду теғасипар»-ро, ки дар як матни мавҳуме омадааст («Яшт», XIX, 30), бо номи сакоиёни теғахӯд алоқаманд мекунад ва дар ҳамин асос ба хулосае меояд, ки: «Пас, хиёаона баробари яке аз қабилаҳои сакоӣ байни Оксус ва Яксарт падид меоянд».[42] Эроншиноси номӣ Бейли[43] ин масъаларо мавриди тадқиқи муфассал қарор дода, ақидае изҳор мекунад, ки ин қабила, дар ҳақиқат, вуҷуд дошт ва бесабаб не, ки номаш дар «Авесто» мондааст. Вале, рости гап, то чи андоза мураккабу печдарпеч будани ин масъаларо Г.Бейли нағз мефаҳмад. Ба ақидаи вай, аввалҳо («дар давраҳои Виштосп») ин қабила дар ноҳияи Оксус макон дошт. Лекин баъд онҳо чи шуданд – оё ба шимолу шарқ кӯчида рафтанду баъдтар боз ба ҷануб гашта омаданд ва ё дар ҷойи худ монда, ба ҳеҷ куҷо нарафтанд ва ғайраву ва ҳоказо ва онҳо бо «хуннҳо» чи муносибате доштанд ва мабодо дар номи худи ҳамин «хуннҳо» решаи калимаи қадимии «хиёаона» намонда бошад ва ғайра ва ҳоказо – ҷавоби ин саволҳоро Г.Бейли намедонад.[44]

Дар ҳақиқат, дар савияи ҳозираи дониш мо на ба ин саволҳо ҷавоб ёфта метавонему ва на ба як қарори қатъии асоснок омада метавонем, ки «хиёаона» ба хиёниёни таърихӣ чи муносибату чи алоқае доштанд. Гап дар ин ки, агар ба таъбири хеле дақиқона изҳоркардаи Г.Бейли аниқ пайравӣ намоем, мо ҳам бояд эътироф кунем, ки ким-чи хел як иттиҳодияи муқтадири қабилаҳо вуҷуд дошт ва онҳо душмани зардуштиён буданд ва дар «Яштҳо» зикр гардидаанду баъд якбора аз пеши назари сарчашмаҳои таърихӣ ғайб задаанд. Менчен-Хелфен менависад, ки «дар тамоми ин муддат онҳо дар куҷоҳо пинҳон шуда мегаштанд. Инро касе намедонад», фарзияи ба шимолу шарқ кӯчида рафтани онҳо – «мутлақо қобили эҳтимол нест» ва ба қавли Моргенстерне, «аслашро гиред, онҳо умуман вуҷуд надоштанд»[45].

Инак, ду ақидае, ки комилан хилофи якдигар мебошанд. Дар «давраҳои Виштосп»– дар асри VI пеш аз милод қабилаҳои «хиёаона» аслан вуҷуд

---

[40] Marquart J., 1901, 5. 58; Пигулевская Н. В., 1941, с. 36.

[41] Marquart J., 1901, 5. 50; Herzfeld E, 1930, p. 19.

[42] Altheim F., 1959, I, s. 52. 53.

[43] Доир ба ақидаҳои аввалаи вай оид ба ин масъала ниг.: Bailey H. W., 1932, p.946.

[44] Bailey H. W., 1954, 5. 20–21.

[45] Maenchen-Helfen O.'., 1959, p. 227–228. Оид ба шакку шубҳаи Гиршман ниг.: Ghirshman R., 1948, p. 116.

доштанд ё не? Маркварт дар ин бобат андешаҳои боасос изҳор мекунад. Ҳанӯз дар ибтидои асри XX вай ҳамон зарбаҳои ҳалокатбори хиёниёну ҳайтолиёнро, ки ба Эрони сосонӣ зада буданд, таҳлил намуда, навишта буд: «Ин тоифа ба эрониён чунон зӯр асар кардааст, ки ҳатто номи онҳо ба «Авесто» роҳ ёфта, аз он ҷо номи аслии душманони ҳомии Зардушт – Коваи Виштоспро тамоман зудуда партофтааст».[46] Э.Херсфелд[47] ва Р.Гиршман[48] ҳам ба ин фикр розӣ ҳастанд.

Инак, решаи хиёниёнро дар давраҳои пеш аз ҳахоманишиҳо ё дар давраи ҳахоманишиҳо ё дар давраҳои баъди ҳахоманишиҳо, яъне вобаста ба он, ки санаи «Яшт»-и нуҳум чӣ гуна мешавад, ҷустуҷӯ кардан ҳарчанд кори дилкашу қулай намояд ҳам, вале аз афти кор, ба иҷрои он асос надорем. Эҳтимол, ҳақ ба ҷониби ҳамон олимоне мебошад, ки иддао доранд, ин ном дар «Авесто» хеле сонитар пайдо шудааст. Вале дар ин сурат ҳам, масъала ҷолиби диққат аст, яъне ин ном акнун на далели барвақт ба вуҷуд омадани ин тоифа, балки инъикоси авзои сиёсии давраҳои хеле сонитар хоҳад шуд. Дар айни ҳол, ин ном нишон медиҳад, ки умуман масъалаи пайдоиши хиёниён то чи андоза масъалаи дандоншикани мураккабу печдарпеч мебошад.

Номи шоҳи хиёниён Грумбат, мумкин гуфт, аз забони эронӣ омадааст ва маънои он «Пуштибонаш Баҳром»[49] мебошад. Аммиан Марселлин менависад, ки писари Грумбат «ҷавоне буд хеле болотар ва зеботар аз ҳамсолони худ» (Аммиан Марселлин, 19, I, 7). Азбаски худи ҳамин муаллиф афти гуннҳоро «безеб» ва намуди онҳоро «бадҳайбату дилнокаш» гуфтааст, мо метавонем пайрави он муҳаққиқоне бошем, ки ин тавр мегӯянд – ин ҷавон аз хиёниён аст ва модоме нависандаи ғарб ҳусни ӯро таъриф карда бошад, пас вай ба гуннҳо қаробате надоштааст.[50]

Алалхусус, тасвири маросими дафни хиёниён ниҳоят муҳим аст. Аз рӯйи нақли Аммиан Марселлин (19, I, 10–11; 19, 2, 1) ҷасади шоҳзодаро, ки дар ҷанг кушта шуда буд, бо сарулибосу асбобу аслиҳаи ҷангӣ орову торо дода, дар миёнҷои суфаи васеи баланд монданд, дар атрофи он даҳ тобуте чиданд, ки андаруни ҳар яки он ҳайкали мурдае буд ва ҳайкалҳо чунон моҳирона сохта шуда буданд, ки аз мурдаи ҳақиқӣ фарқ надоштанд. Дар муддати даҳ рӯз мардум даста ба даста ва хайма ба хайма тақсим шуда, зиёфат мехӯрданд, ба мурдаи шоҳзода азо гирифта, марсияҳои махсус мехонданд. Занон бошанд, лобакунону навҳакашон ин орзуву умеди халқро ба охират гусел мекарданд...». Баъд мурдаро сӯзондаанду устухони онро дар зарфи нуқрагине андохтанд, то ин ки васияти ҷавонро ба иҷро расонда, турбати ӯро дар ватанаш ба хок супоранд».

Дар адабиёти илмӣ ишорат ҳаст, ки унсурҳои ин тарзи дафн дар Хоразм ҳангоми ҳафриёти димнаҳои Кенгқалъа ва Куҳнааёз падид омадаанд. Дар ин ҷо суфаи баланди васеъ ёфт шуд, ки дар болои он замоне гулхани калоне афрӯхта будаанд ва дар атрофи гулхан устухони одамӣ ёфт шудааст. Дар

---

[46] Marquart J., 1901, s. 50.
[47] Herzfeld E., 1947, p. 771–774.
[48] Ghirshman R., 1948, p. 116.
[49] Ин этимологияи Ф. Андреас (ниг.: Ghirshman R., 1948, p. 117; Maenchen-Helfen O.J., 1959, p.230). Этимологияҳои туркӣ қобили қабул не (Altheim F. und Steihl R., 1954, s.277).
[50] Пигулевская Н. В, 1941, с. 36.

паҳлуи устухон пораи рӯйи ҳайкали гилии одам ба даст омад, ки ранг дода шудааст (дар Кенгқалъа), ғайр аз ин дар дахмаи Куҳнааёз пораи муҷассамаи гилии одам ёфт шуд (аниқтараш дасти ҳайкал, ки бо усули ба қолиби оҳанин печондани латтаи гаҷолуд сохта шудааст).[51] Ин бозёфт ва дигар мушоҳидаҳо ба аксари олимони советӣ имкон доданд, тахмин кунанд, ки ватани хиёниён соҳилҳои Арал аст[52] ва ин тахмин ба ҳақиқат хеле наздик аст. Вале фаромӯш набояд кард, ки баъзе унсурҳои маросими дафн, ки ба маросими дафни хиёниён шабоҳат дорад, дар дигар ҷойҳои Осиёи Миёна ҳам ёфт шудаанд. Мувофиқи хабари солномаҳои хитоӣ дар Ши (ноҳияи Тошканд) биное будааст, ки дар миёнҷо суфаи баланд доштааст. Ҳар сол дар ин бино маросими азо мешудааст: дар суфаи баланд «... зарфи тиллоро мегузоранд, ки андаруни он хокистари ҷасади волидайни волӣ ҳаст, баъд он зарфро дар гирди тахт мегардонанд ва гулу мева мепошанд ва волию ашрофро гӯшти қурбонӣ медиҳанд».[53]

Дар Фарғона, дар ноҳияҳои маҷрои мобайни Сирдарё ва дар соҳилҳои Арал ҳамроҳи мурда ба гӯр бутҳои хурди гаҷӣ мегузоштаанд.[54]

Хуллас, аз диди нависандаи асри VI Сурия бемалол даст кашидан мумкин бошад ҳам, вале бархилофи вай ягон назарияи мукаммали пайдоиши хиёниёнро пеш гузоштан аз имкон берун аст. Фақат ҳаминро аниқ гуфтан мумкин, ки хиёниён, пеш аз ҳама, қабилаҳои эронизабони Осиёи Миёна буданд.

Дар бораи пайдоиш ва шароити этникии ҳайтолиён маълумоти хеле зиёд ҳаст, вале афсӯс, ки аз ин суде нест, зеро аксари маълумотҳо хилофи якдигаранд. Прокопий Кесарский, ки ҳайтолиёнро «гуннҳои сафед» номидааст, менависад: «Гарчанде ҳайтолиён аз тоифаи гуннҳоянд ва (чунин) ном доранд, вале бо он гуннҳое, ки мо медонем, ҳеҷ иртиботу муносибате надоранд, зеро кишвари онҳо ҳамҳудуди гуннҳо намебошад ва онҳо дар қарибии гуннҳо сокин нестанд... онҳо мисли дигар тоифаи гуннҳо кӯчманчигӣ намекунанд ва аз даврахои қадим дар заминҳои ҳосилхез ба тарзи муқимӣ сукунат доранд. Дар байни тамоми гуннҳо онҳо ягона тоифае мебошанд, ки пӯсти баданашон сафед аст ва симои зебои дилкаш доранд ва мисли дигар гуннҳо ким-чи хел ваҳшиёна зиндагӣ намекунанд ва дар итоати як подшоҳ мебошанд, давлати қонунӣ доранд ва дар муносибати байни худ ва ҳамсоягони худ беҳтар аз румиёну форсҳо адолатро риоя менамоянд».[55]

Ба ҳамин тариқ, Прокопий Кесарский ҳайтолиёнро аз гуннҳо аниқ ҷудо мекунад. Вай на фақат халқҳои гуногун будани онҳоро таъкид менамояд, балки гуногун будани онҳоро батафсил асоснок ҳам мекунад. Албатта, ба чунин маълумоти муфассал ва асосноки як сарчашмаи муътабар баҳои лозима надодан нодуруст аст. Вале дар айни ҳол, гуфтан лозим, ки аз ин хабар дар бораи пайдоиши ҳайтолиён ҳеҷ гуна маълумот гирифта наметавонем.

---

[51] Рапопорт Ю. А., 1958, с. 51.

[52] ИТН, I, с. 413–414.

[53] Бичурин, II, с. 272–282.

[54] Дар бораи онҳо ниг.: Давидович Е.А. ва Литвинский Б.А., 1955, 51–52; Левин Л.М., 1968.

[55] Дигар муаррихи византӣ Агафий гапро хеле кӯтоҳ кардааст: «Ҳайтолиён ҳамон гуннҳоянд» (Приски Понӣ, 91–92, эзоҳи 116).

Дар сарчашмаҳои хитоӣ оид ба пайдоиши ҳайтолиён чандин ақида буда, байни онҳо мувофиқате нест. Маълумоти маъхазҳои хитоиро ба намудҳои зерин тақсим кардан мумкин:

а) ҳайтолиён яке аз тоифаҳои йуҷиҳо; б) ҳайтолиён шохаи қабилаҳои гогюйҳои турк; в) ҳайтолиён аз қабилаҳои чешӣ (Турфон) бармеоянд; г) ҳайтолиён авлоди Канғӯй. Яке аз қадимтарин муаллифони Хитой дар бораи пайдоиши ҳайтолиён навиштааст: «Мадракоти кишварҳои дуродур ва халқҳои ба забони хориҷӣ гапзананда, ки роҷеъ ба давраҳои бениҳоят қадим мебошанд, нодуруст фаҳмида шудаанд ва таҳриф гардидаанд. Пас, мо намедонем, ки асли воқеа чӣ гуна буд. Бо ин роҳ ҳалли масъалаи пайдоиши ҳайтолиён имкон надорад».[56] Олими ҳозиразамони Япония К.Еноки ҳамаи ин ақидаҳоро муфассал ва бо камоли кордонӣ тадқиқ намуда, маҷбур шуд ба ҳамон хулосаи болоӣ ояд – яъне муаллифони Хитой пайдоиши ҳақиқии ҳайтолиёнро намедонистанд ва ақидаи онҳо одатан «китобӣ» буда, аз ҳаво гирифта шудаанд.[57]

Олимони Аврупои ғарбӣ асосан ақидаҳои гуногуни маъхазҳои хитоиро дар назар дошта, дар бораи нисбати этникии ҳайтолиён назарияҳои бисёре пеш ниҳоданд. Баъзеи онҳо ҳайтолиёнро авлоди йуҷиҳо мегӯянд, ба ақидаи баъзеҳо ҳайтолиён аз гуннҳо пайдо шуда будаанд, севумиҳо мегӯянд, ки ҳайтолиён қабилаҳои қадимии турк ё муғул мебошанд; мувофиқи ақидае ҳайтолиён аз тоифаи мардумони эронизабон бармеоянд. Ба қавли баъзе муҳаққиқон ҳайтолиён хиёниён не, балки тамоман як тоифаи дигар, дигарон бошанд, мегӯянд, ки ҳайтолиёну хиёниён як тоифаанд ва худ ҳайтолиён синфи ҳукмрони хиёниён мебошанд.[58]

Материалҳои мавҷударо аз назар гузаронем. Лингвистҳо кайҳо боз машғули таҳлили ному истилоҳоте мебошанд, ки ба ҳайтолиён алоқаманданд.

Дар сарчашмаҳои гуногун ҳайтолиён, ғайр аз номи «гуннҳои сафед», боз номҳои бисёре доранд (ки худи ҳамин боиси мушкилоти калон аст). Дар маъхазҳои суриёнӣ номи онҳо абдол ё эпталит; дар маъхазҳои юнонизабон абдел ё эфталит, дар маъхазҳои арманӣ ҳаптал, идал ва тетал; дар забони миёнаи форсӣ ефтол ва ҳефтол, дар забони арабӣ ҳайтал ва яфтал; дар забони тоҷикию форсӣ ҳетал ва ҳайтал, дар маъхазҳои хитоӣ *е-да*[59] (талаффузи қадимиаш **iep-tât*) ва е-диен (талаффузи қадимиаш **iep-t'ien*)[60]. Ғайр аз ин бояд гуфт, ки дар маъхазҳои паҳлавию зардуштӣ онҳоро хиёниён, дар ҳиндӣ хуно номидаанду маъхазҳои арабӣ онҳоро бо туркҳо ва маъхазҳои арманӣ бо кушониён омехта кардаанд.

Ф.Алтхайм кӯшиш дорад, ки баромади калимаи ҳайтолиро ба решаи туркӣ алоқаманд кунад, ки он ба маънои «кардан»[61] меояд, вале ин зӯри беҳуда асту асосе надорад. Боз як ақидае ҳаст, ки ҳайтол аз калимаи форсии «ҳафт» баромадааст[62].

---

[56] Enoki K., 1959, p. 7.
[57] Enoki K., 1959, p. 1-14; 1955, p. 232-235.
[58] Ghirshman R., 1948, p. 10–21, 115; Enoki K., 1959, p. 15–23; ИТН, I, с. 415-416.
[59] Altheim F. und Steihl R., 953, s.276; Altheim F., 1959, I, s. 41-42
[60] Enoki K., 1959, p. 7.
[61] Altheim F., 1959, I, s. 44.
[62] Maenchen-Helfen O.J., 1959, p. 231.

Ҳанӯз дар асри X Балъамӣ навишта буд: «haytila ҷамъи haital аст ва дар Бухоро зӯрмардро гӯянд. Ба забони Бухоро hatail қувват аст ва haital муарраби он мебошад»[63].

Дар ҳақиқат, дар забони шарқиэронии хутанусакой калимаи ба ин монанд маънои «ҷасуру диловар» дорад[64].

Аз хатти рӯйи тангаҳои ҳайтолиён оид ба масъалаҳои ба мо дахлдор маълумоти зеринро гирифтан мумкин. Ҳайтолиён худро хион мегуфтаанд (дар тангаҳо OIONA ), пас онҳо яке аз шохаҳои хиёниён будаанд. Аз рӯйи хатти тангаҳо маълум шуд, ки забони расмии онҳо дар мулкҳои тахористонии худ бохтарӣ будааст. Дар рӯйи тангаҳо, бешак, унвонҳои бохтарӣ сабт гардидаанд.[65]

Инчунин дар масъалаи ба ду тақсим будани ҳайтолиён низ таваққуф кардан лозим. Ин масъаларо дар адабиёти ҳозира Г.Бейли хеле дақиқ ва муфассал тадқиқ намудааст. Мабдаи мулоҳизаҳои вай матнҳои паҳлавӣ буданд. Дар «Ҷомоспнома» (96) дар бораи муҳорибаи Эрону «хиёниёни сафед» ривояте ҳаст. Баъд дар охир муждае меояд, ки «Шомилони касофат, Девону Хиёниён, мисли он ки сармо барг аз бун канад, аз беху бун канда шуданд»[66]. Дар «Баҳман-Яшт» бошад, баръакс, аз шикасти Сосониён гап меравад.

«Давлату ҳокимият насиби омиён гардид ва онҳо хиёнӣ буданду турк, ҳайтолӣ буданду таббатӣ, кӯҳистонӣ буданду хитой, суғдӣ буданду византӣ, хиёнии сурх буданду хиёнии сафед, вале эронӣ набуданд. Омиён подшоҳи Эрон шуданд, подшоҳи меҳани ман шуданд».[67]

Инак, агар дар матни аввал фақат сафедхиёниён ба назар расад, дар матни дувум ҳам хиёнӣ (пеш аз туркҳо), ҳам сурххиёниён (қирмизхиёниён) ва ҳам сафедхиёниён ҳастанд. Ба ақидаи шореҳи «Баҳман-Яшт», номи сурххиёниён аз сурх будани кулоҳ, зиреҳу ҷавшан ва байрақи онҳо бармеояд. Дар маъхазҳои ҳиндӣ ҳам, ба сурх (ё худ тира) хуноён ва сафедхуноён ишорат ҳаст (хотирнишон менамоем, ки дар маъхазҳои ҳиндӣ хуно ин номи ҳайтолиён аст). Ниҳоят, дар достоне, ки асри VII ба забони хутанусакой таълиф шудааст, халқе ном бурда мешавад, ки тарҷумаи номи онҳо сурхкулоҳон аст. Ба ақидаи Г.Бейли, ин тоифа сурххиёниён мебошанд. Ба ин муносибат мадракоти маъхазҳои ғарбро низ мавриди истифода қарор додан лозим, зеро онҳо ҳам номи гуннҳои сафедро бисёр овардаанд (ниг. масалан, Прокопи Кесарский, I, 3). Дар айни ҳол, муаллифони византӣ дар бораи ким-чи хел кармихионҳо сухан рондаанд. Ба фикри Г.Бейли, ин ҳам он қирмизхиёниён мебошад, ки дар матнҳои паҳлавӣ ном бурда мешавад.[68]

Мо дар бораи ин ду тоифаи ҳайтолиён қариб, ки чизеро намедонем – намедонем, ки онҳо ду тоифа буданду дар як иттиҳоди қабила дохил

---

[63] Балъамӣ, p. 128.

[64] Лившитс В.А., 1969. с. 67, эзоҳи 103.

[65] Ghirshman R., 1948; Henning W.B., 1960, p. 51; Лившитс В. А., 1969, с. 67-71.

[66] Bailey H. W., 1931, p. 585–586.

[67] Bailey H. W., 1932, p. 945–946.

[68] Bailey H. W., 1954, p. 13–20. Феофани Византӣ (порчаи 2) дар бораи «кармихионҳо» сухан ронда, менависад, ки дар шарқтари Танаис туркҳое ҳастанд, ки дар қадим онҳоро массагет меномиданд, ба забони форсҳо номи ин туркҳо кармихионҳо аст. Э. Шаванн, ки дигар маъхазҳои византиро ҳам муфассал тадқиқ кардааст, тахмин мекунад, ки гап аз тоифаи жожҳо меравад (Chavannes E., 1903, p. 229–239). Вале ин фарзия алҳол қобили қабул нест.

мешуданд, ё худ дар дохили як қабилаи том як навъ табақае буданд, ки аз ҷиҳати этноантропологӣ фарқ доштанд. Ҷолиби диққат аст, ки дар суратҳои рӯйи девори Афросиёб (дар Самарқанд), ки ба қарибӣ кашф шудаанд, омади ҳайати сафорат тасвир шудаасту ду сафир, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати ранги рӯйи худ фарқ мекунанд: яке «сурхрӯй», дигаре «сафедрӯй». Ба ақидаи В.А.Лившитс мумкин аст ин суратро далели мавҷудияти «сурххиёниён»-у «сафедхиёниён» ҳисоб кунем.[69]

Ҳуруфи ҳайтолиён идомаи бевоситаи ҳуруфи кушонӣ (бохтарӣ) буда, вале нисбат ба ҳуруфи кушониён андак моилтар навишта мешавад. Маҳз дар бораи ҳуруфи ҳайтолиён Сюан-сзан навиштааст: «Забони онҳо аз забони дигар мамлакатҳо андак фарқ дорад. Шумораи ҳуруфи асосии онҳо бисту панҷто ва онҳо ин ҳарфҳоро таркиб дода, ҳама гуна мафҳумотро ифода мекунанд. Аз чап ба рост менависанду мехонанд. Осори адабии онҳо тадриҷан меафзояд ва шумораи ин осор аз шумораи осори мардуми Су-ли (Суғд) зиёд шудааст».[70]

Вале амалан аз ин «осори адабӣ» ниҳоят кам боқӣ мондааст. Аз ҷумлаи ин осор пораҳои дастнависе, ки дар Тоҷикистони шарқӣ ёфт шудааст, ба хатти ҳайтолӣ мебошад.[71] Зоҳиран, баъзеи онҳо ба асрҳои VII-VIII нисбат доранд, вале то ба ҳол ягон матни пурраи маънодоре хонда нашудааст. Баъзе забоншиносон забони он матнҳоро сакоӣ ва баъзеи дигар бохтарӣ мегӯянд.

Дар шимолу ғарби Покистон дар водии дарёи Точи се катибае ёфт шуд, ки дар санг канда шудааст – дар санги якум матни арабию санскрит, дар санги дувум матни бохтарию санскрит ва дар санги севум, ки аз ду пора иборат аст, матни бохтарӣ ва ду сатр хатти арабӣ ҳаст. Хатти бохтарӣ бо усули шикастаи моил сабт гардидааст. Як варианти транслитератсия ва тарҷумаи он пешниҳод шудааст.[72] Тарҷумаи чопшудаи ин матн хомакӣ буда, танҳо кӯшишест дар тарҷумаи он. Санаи он ҳам ба давраҳои хеле сонитар, аз афти кор, ба асри IX милодӣ нисбат дорад.

Дар Осиёи Миёна аз ҷумлаи осори бадастомадаи хатти ҳайтолӣ катибаи рӯйи сафолпораест, ки дар Зангтеппа падид омад ва дар он ҳамагӣ як қисми шаш сатр боқӣ мондааст,[73] осори дигари хатти ҳайтолӣ катибаи графитии Қаротеппа ва инчунин ду сатри хатти шикастаи моили бохтарии Афросиёб мебошад, ки мувофиқи даололати катибаи суғдии паҳлуи он намунаи хатти расмии ҳайтолӣ будааст[74], боз як осори хатти ҳайтолӣ катибаи сурати девори димнаи Кофирқалъаи Колхозобод мебошад, ки дуруст маҳфуз намондааст.

Усули хондани катибаи тангаву геммаҳои ҳайтолиён низ аз бисёр ҷиҳат баҳснок аст. Одатан, ин катибаҳоро дар асоси этимологияи эронӣ тафсиру тавзеҳ додан мумкин ва худи ҳамин далолат ба он дорад, ки забони ҳайтолиён шарқиэронӣ буд.[75] Тарафдорони ақидаи гуннутуркӣ будани ҳайтолиён инро дар назар дошта, сабаби дар забони ҳайтолиён мавҷуд будани калимаҳои

---

[69] Лившитс В. А., 1965 а, с. 6.

[70] Beal S., 1960, I, p. 38; Pelliot P., 1934, p. 50.

[71] Hansen O., 1951; Gershevitch S., 1957; Лившитс В. А., 1967, с. 163.

[72] Dani A. H., Humbach H., Göbl R., 1964, p. 125–135.

[73] Лившитс В.А., 1969, с. 73-74.

[74] Лившитс В.А., 1967, с.164. Дар Афросиёб боз якчанд катибаҳои ҳайтолӣ ёфт шудааст.

[75] Bailey H.W., 1937, p. 892–893 (титулатураи хатти рӯйи тангаҳои эронӣ); Enoki K., 1959. p. 39-45; Ghirshman K., 1948, p. 67, 117-118; Maenchen Helfen O.J., 1959, p. 227-231.

бешак форсиро алҳол чунин шарҳ медиҳанд, ки забони ҳайтолиён аслан туркӣ (ё муғулӣ) буду баъди эрониёнро тасхир кардан аз забони аҳолии эронии мутеъгардонидашуда баъзе калимаҳо ба забони ҳайтолӣ дохил шудааст. Аз олимони ҳозира ин ақидаро, масалан Ф.Алтхайм ва Э.Пуллейблэнк[76] тарафдорӣ мекунанд. Ишоратҳои мухтасаре, ки оид ба забони ҳайтолиён дар маъхазҳои хитоӣ ҳаст, инчунин хеле гуногун маънидод карда мешаванд.

Амалан ягон далели ҷиддие нест, ки забони ҳайтолиёнро туркӣ (ё муғулӣ) гӯем, ин забон, бешакку шубҳа, забони шарқиэронӣ буд. Вале фақат минбаъд дастрас гардидани осори он, таҳқиқу тадқиқи амиқу муфассали забоншиносон имкон медиҳад, ки бисёр ҷиҳатҳои асосии алҳол норавшани ин масъала равшан карда шавад, тавсифи осори хаттии ҳайтолиён муқаррар ва муносибати онҳо бо халқиятҳои ҳайтолӣ муайян карда шавад.

Дар масъалаи макони пайдоиши ҳайтолиён ҳам тавaққуф кардан лозим. Ин халқи пурасрор, ки дар таърихи Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Туркистони шарқӣ ин қадар мақоми намоён дошт, аз куҷо пайдо шуда бошад? Дар ин масъала ҳам аз маълумоту мадракоти аниқ дида, назария бештар аст. Муҳаққиқон, гоҳ ин ва гоҳ он маълумоти маъхазҳои хитоиро ба эътибор гирифта, макони пайдоиши ҳайтолиёнро, гоҳ дар Олтой, гоҳ дар Туркистони шарқӣ ва гоҳ дар ягон мавзеи дигар ҷой медиҳанд.

Назарияи аз Бадахшон будани ҳайтолиён наву тоза аст. Ҳанӯз соли 1951 А.Н.Бернштам дар бораи этногенез ва ташаккули давлатдории ҳайтолиён муҳокима ронда, ба ду маркази пайдоиши онҳо ба мавзеи миёна ва поёни Сирдарё, аз як тараф ва аз тарафи дигар, ба болооби ҳавзаи Амударё ишорат карда буд.[77]

Солҳои 1955–1959 ин ақидаи А.Н.Бернштам дар тадқиқоти олими Япония К.Еноки асоснок карда шуд. К.Еноки на фақат тамоми материалҳои мавҷударо аз дидгоҳи танқидӣ таҳлил намуд, балки аз маъхазҳои хитоӣ мадракҳои тоза овард. Хулосаҳои К.Еноки чунин аст: а) зодгоҳи аслии ҳайтолиён қарибии ҳудуди шарқии Бадахшон аст; б) дар маданияти онҳо баъзе унсурҳои эронӣ ҷой дорад.[78] Л.И.Гумилев[79] ҳам ақидаи аз Бадахшон будани ҳайтолиёнро тарафдорӣ мекунад, вале ба назарияи К. Еноки ягон далелу исботи нав зам накардааст. Ҳаминро бояд гуфт, ки ин фарзия ҳам, дар ниҳояти кор, ба маъхазҳои хитоӣ такя мекунад, аниқтараш, ба ҳамон ривояти Сюан-сзан асос ёфтааст, ки Гимотоло (шакли санскритишудаи калимаи «ҳайтолӣ» ё ягон тобиши дигари он) ном кишвари бадахшоние вуҷуд дораду подшоҳи он бисёр кишварҳоро тасхир кардааст.[80] Вале Е.Е.Неразик ишорат кардааст, ки ин ривоят ба ривояти тохтутозҳои йуҷиҳо ҳам нисбат доштанаш мумкин, модоме чунин бошад, ин ривоят далел шуда наметавонад, ки интишори ҳукми ҳайтолиён аз Бадахшон оғоз ёфта буд. Е.Е.Неразик дигар ҷойҳои сусти ақидаи К.Енокиро[81] ҳам нишон додааст ва қайдҳои танқидии ӯро қобили қабул гуфтан мумкин. Вале ҳамаи ин аҳамияти асари К.Енокиро паст карда наметавонад, алалхусус, дар соҳаи маъхазшиносӣ аҳамияти он ниҳоят баланд аст. Барои

[76] Altheim F., 1959, s. 41-54; Pulleyblank E.G., 1962, p. 259-260.
[77] Бернштам А.Н., 1951, с. 197.
[78] Enoki K., 1955, 1959 a.
[79] Гумилев Л.Н., 1959.
[80] Enoki K., 1959, p. 35.
[81] ИТН, I, с. 553-554.

исботи фарзияи аз Бадахшон будани ҳайтолиён далелҳои нав[82] даркор ва онҳо шояд ба туфайли ҳафриётҳои археологӣ дастрас мегарданд.[83]

Дар адабиёти тореволютсионии рус К.И. Инострансев диққати муҳаққиқонро ба он ҷалб карда буд, ки сағонаҳои сангин – муғхонаҳо ба ҳамон сағонаҳои ҳайтолиён, ки аз рӯйи маъхазҳои хаттӣ маълуманд, хеле шабоҳат доранд.[84] Б.А.Литвинский муғхона ва дигар хелҳои сағона, аз ҷумла, гӯрҳои хокиеро, ки дар онҳо мурда дар тобутҳои чӯбин гӯронида мешуданд (мувофиқи хабари маъхазҳои хитоӣ ин маросим дар байни ҳайтолиён ҳам расм будааст) ва инчунин баъзе дигар маълумоту мадракотро омӯхта, ба чунин хулоса омад, ки дар ташаккули қабилаҳои ҳайтолӣ қабилаҳои сокини маҳалҳои доманакӯҳии ноҳияи Фарғона аҳамияти махсус доштанд, зеро ин тарзи дафн маҳз дар байни ҳамин қабилаҳо маъмул буд.

Дар адабиёти таърихии советӣ оид ба пайдоиши ҳайтолиён боз як ақида ҳаст. Ба ақидаи С.П.Толстов, онҳо сокини соҳилҳои Арал мебошанд. Дар баёни охирин варианти ин назарияи худ вай навишта буд: «Гумон меравад, ки дар асрҳои IV–V резишгоҳи дарёҳои Аму ва Сир маркази «давлати барбарии» хиёниёну ҳайтолиён буд, ки дар заминаи қабилаҳои қадимии сакоию массагетҳо ташаккул ёфта буданд ва чи тавре дар боло қайд кардем, дар таркиби ин қабила бисёр унсурҳои гунну туркҳои шарқӣ ба назар мерасид».[85] Мадракоте, ки дар боло овардем, нишон медиҳанд, ки соҳилҳои Арал бархилофи иддаои С.П. Толстов ҳеҷ вақт маркази давлати хиёниён ё ҳайтолиён набуд. Дар бораи аз соҳили Арал будани ҳайтолиён ҳам маълумот ниҳоят кам аст.

Аз нуқтаи назари танқидӣ дида баромадани фарзияҳои мавҷуда моро ба гумоне водор менамояд, ки имконияти дар вақти ҳозира, қатъиян он тараф истад, ҳатто ба андозае эҳтимолан муайян намудани макони ташаккули ҳайтолиён ниҳоят кам аст. Масъалаи нисбати этникии ҳайтолиён, гуфтан мумкин равшантар аст – яъне ҳайтолиён дар заминаи кадом як қабилаҳои забонашон шарқиэронии Осиёи Миёна ба вуҷуд омадаанду дар таркиби онҳо унсурҳои этникии туркҳо мавҷуд мебошанд.

## Ҷамъияти ҳайтолиён

Прокопий Кесарский дар бораи «гуннҳои сафед» – ҳайтолиён гап зада, навишта буд, ки онҳо «аз қадим» муқимӣ мебошанд, «ба як подшоҳ итоат мекунанд» ва «давлати қонунӣ» доранд. Менандр аз номи ҳайати сафорати туркҳо ривоят мекунад, ки ҳайтолиён «мардумони шаҳрианд»; ба қавли вай туркҳо ҳайтолиёнро шикаст дода, ҳокими шаҳрҳои онҳо шудаанд (Менандр, порчаи 18).[86] Феофани Византӣ (порчаи 3) мегӯяд, ки ҳайтолиён форсҳоро мағлуб сохта, ба шаҳру бандарҳои форсҳо соҳиб шуданд. Вале маъхазҳои Хитой тамоман гапи дигар мезананд. Мувофиқи хабари онҳо, е-да, яъне ҳайтолиён «шаҳр надоранд ва дар ҷойҳои серобу алаф, дар хонаҳои сиёҳ зиндагӣ мекунанд». Сон Юн ном сайёҳ менависад, ки е-да, яъне ҳайтолиён

[82] Муқоиса кунед: Гумилев Л.И., 1967, б.
[83] Шоев А.Ҷ., 1909, с. 16-18.
[84] Инострансев К И., 1909, с. 116-120.
[85] Толстов С. П., 1962, с. 244.
[86] Тарҷумаи тамоми порчаро ниг.: «Византийские историки», 1860, с.374; Бичурин, II, с.268.

қалъа надоранд ва кӯчманчигӣ мекунанд[87]. Ҳар дуи ин ривояти мухолиф дар нақли Сюан-сзан оид ба Гимотоло оварда шудааст. Сокинони ин маҳал, яъне ҳайтолиён дар чодарҳои пӯстакӣ зиндагӣ доштанду кӯчманчигӣ мекарданд. Дар айни ҳол, хабар дода мешавад, ки дар гузашта онҳо бисёр мамлакатҳоро забт намудаанд ва дар «бисёр қалъаву дизҳо ҳукмронӣ кардаанд».[88] Ба ҳамин тариқ, муаллифони ғарб, эҳтимол, барои ҳамин ҳайтолиёнро мардумони шаҳрӣ мегуфтаанд, ки онҳо соҳиби шаҳрҳо буданд ва дар давраҳои сонӣ аъёну ашрофи ҳайтолиён дар шаҳрҳо маскун мешуданд.

Ҷамъияти ҳайтолиён аз ҷиҳати молу мулк равшану аниқ тақсим шуда буд. Масалан, дар ин бора мо аз тасвири маросими дафни онҳо воқиф гардидем. Солномаи Лян-шу[89] хабар медиҳад, ки мурдаро дар тобутҳои одии чӯбин мегӯрониданд, дар баробари ин дар солномаи Бэй-ши (ё Вэй-шу) чунин навишта шудааст: «Мурдаи боёнро дар сағонаҳои сангин дафн мекунанд, мурдаи камбағалонро ба чуқуриҳои куҳна мепартоянд»[90]. Сарулибоси аъёну ашроф хеле бокарру фарр буд. Сон Юн сарулибоси бойзанҳоро тасвир карда менависад: «Сарулибоси бойҳову камбағалон фарқи калон дорад»[91]. Ҷазои дуздӣ ниҳоят сахт буд: «Барои дуздии чизе, ки андозааш маълум нест, сар мезаданд; товони чизи дуздиро даҳ карат зиёдтар додан даркор буд»[92]. Аз ин мадракот маълум мешавад, ки ҷамъияти ҳайтолиён ҷамъияти синфӣ ҳисоб мешуд ва аз ҷиҳати молу мулк аниқу равшан тақсим шуда буд. Онҳо соҳиби давлат буданд. Лашкари ҳайтолиён хеле тавоно буд. Аслиҳаи онҳо гурз буд[93], ба ақидаи хитоиён, онҳо камонкашҳои забардаст будаанд, ба фикри муаллифони давраҳои сонӣ, аслиҳаи асосии онҳо шамшер будааст.[94]

Усули амалиёти ҷангие, ки ҳайтолиён кор мефармуданд, касро ба ақидае водор менамояд, ки лашкари онҳо асосан аз саворагон иборат буд. Дар ин масъала мо бо Ф.Алтхайм ҳамфикр ҳастем[95] ва ақидаи Л.Н. Гумилевро зинҳор қабул надорем.[96]

Дар байни ҳайтолиён полиандрия (яъне сершавҳарӣ) расм буд: «бародарон як зани умумӣ доранд, зани шавҳараш бе бародар, яъне зани якто шавҳар дошта кулоҳи якгӯша мепӯшад; зани сершавҳар кулоҳе мепӯшад, ки чанд шавҳар дошта бошад, ҳамон қадар гӯша дорад; дар либос ҳам мувофиқи шумораи шавҳар пӯпак дӯхта мешавад».[97] Дар бораи ин урфу одат, ки баробари полигамия (яъне серзанӣ) дар байни волиён маъмул буд, бисёр маъхазҳои хитоӣ хабар медиҳанд.[98] Полиандрия, ки боқимондаи никоҳи гурӯҳӣ мебошад, дар рӯзҳои мо дар Тибет ва дар гирду атрофи наздики он вуҷуд дорад.[99]

---

[87] Beal S., 1906, p. XC–XC1; Enoki K., 1959, p. 50.
[88] Enoki K., 1959, p. 35.
[89] Дар ҳамон ҷо, p. 49.
[90] Бичурин, II, с. 269.
[91] Bea1 S., 1960, p. XCI.
[92] Бичурин, II, с. 269.
[93] Пигулевская Н. В., 1941, с. 64; Altheim F., 1960, II, s. 17–18.
[94] ИТН, I, с. 419.
[95] Altheim F.1960 II, s.269.
[96] Гумилев Л Н., 1967. б, с. 94.
[97] Бичурин, II, с. 268.
[98] Miller R.A., 1959, с. 12.
[99] Ghirshman R., 1948, p. 125-128; Enoki K., 1959, p. 51-56.



**Табақи нуқра аз Чалак**

Мувофиқи хабари маъхазҳо ҳайтолиён дини буддоиро не, балки худоёни худро, масалан, худои оташро мепарастидаанд. Ҳар саҳар онҳо аз хаймаи худ баромада, намоз мехондаанд. Эҳтимол, онҳо офтобро ҳам парастиш мекарданд.[100] Вале дар ҷамъияти ҳайтолиён дину оини халқҳое, ки онҳоро мутеъ менамудаанд, масалан, дини буддоӣ, тадриҷан реша давондан гирифт. Мадраке ҳаст, ки дар байни ҳайтолиён дини насронӣ ҳам маъмул будааст.

## Неҳзати Маздак

Дар ҳудуди асрҳои V–VI дар Эрони Кайқубодшоҳ (солҳои 488–531) бар зидди муносибатҳои феодалӣ, ки нав ташаккул меёфт, баромадҳои тавонои оммаи халқ ба вуқӯъ омад.[101] Ба ин неҳзат шахсе сардорӣ мекард, ки дар таърих бо номи Маздак[102] машҳур аст. Мисли тамоми дигар неҳзатҳои халқии

[100] Маъхазҳо: Ennoki K., p. 45–49; ниг.: инчунин Ghirshman R., 1948, p. 120-124.

[101] Тадқиқоти муфассалтарини маъхазшиносӣ: (Christensen A., 1925. Дар китоби олиҷаноби шарқшиноси Чехословакия О. Клима (Klima O., 1957) маъхазҳо ниҳоят дақиқона таҳлил шудаанд, баъзе дидҳо аз дигар тавзеҳу таъвил ёфтаанд ва рӯйхати муфассали адабиёти мавҷуда зикр гардидааст. Аз ҷумлаи тадқиқоти олимони советӣ муҳимтаринаш асарҳои Пигулевская Н.В. (1948, 1956). Очерки ниҳоят муфиду мухтасар: Дяконов М.М., 1961, с. 303-309, 410-412.

[102] Алтхайм ва Р. Штил исбот мекунанд, ки Маздак аз Хоразм ва ё худ аз ягон мамлакати ба он ҳамсоя аст (Altheim F. und Steihl R., 1953) вале О.Клима (Klima O., 1957, с. 154–165) нишон дод, ки ин ақида қобили қабул нест. Инчунин ба он маълумоти баъзе маъхазҳо бовар кардан лозим нест, ки гӯё Маздак аз Нисо, ё худ аз дигар як шаҳри Хуросон мешудааст.Ҷойи таваллуди Маздак аниқ маълум нест, шояд он Байнаннаҳрайн ё соҳили чапи Даҷла бошад. Зиёда аз ин, ақидае ҳаст, ки Маздак номи одам не, балки унвони сардори фирқа ё худ унвони умуман муътақид (аслаш «маздак» ё «маздик») мебошад.

он давра эътирози аҳли ҷамоат зидди зулму истибдод ба худ шакли диниро гирифт. Асосгузори ин неҳзати динӣ Зардушт ибни Хуррой ном шахсе буд. Баъзеҳо санаи ҳаёти ӯро ба охири асри III ва аввали асри IV нисбат медиҳанд, вале санаи ба ҳақиқат наздиктари санаи ҳаёти вай бояд нимаи дувуми асри V бошад. Аз номи ин одам таълимоти динӣ ҳам ба худ номи «зардуштакан»-ро гирифт. Маздак шогирд ва пайрави ин одам буд.[103]

Маздак ташвиқ мекард, ки ҳама одамон ҳуқуқи баробар доранд ва нобаробариро барҳам додан лозим, замину сарвати бойҳоро кашида гирифтан даркор. Ба қавли Табарӣ, ки ба тарҷумаи солномаҳои давраҳои забони миёнаи форсӣ такя мекунад, Маздак ва пайравони вай тарғиб мекардаанд, ки худо «неъмати оламро барои ҳамин офарид, ки мардум онро байни худ аз рӯйи инсоф тақсим кунанд, вале мардум дар ин кор ноинсофӣ карданд». Пайравони Маздак мегӯянд, ки онҳо моли дороро кашида мегиранду ба нодор медиҳанд, зеро агар касеро бештар зану пулу мол бошад, ин чунин маъно надорад, ки фақат вай ба ҳамаи он чизҳо ҳақ дорад.[104] Ё худ, чи тавре муаррихи араб менависад, Маздак таълим медод, ки «Молу мулки бойҳоро кашида гирифта, ба камбағалон додан даркор, то ин ки молу мулки онҳо баробар шавад».[105]

Одамкушӣ ва ҳатто куштани чорво, ба ақидаи маздакиён, гуноҳи азим аст. Мувофиқи таълимоти Маздак, фақат дар роҳи ғалабаи некӣ ва дар мубориаи зидди бадӣ одамкушӣ ва хунрезӣ раво аст. Талаби одилона тақсим кардани неъматҳои моддӣ ва талаби барҳам додани нобаробарӣ мусоидат намуд, ки таълимоти Маздак, пеш аз ҳама, дар байни зироаткорони ҷамоат паҳн шавад.

Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома» аз номи Маздак гуфтааст:

Ҳамегуфт: ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.
Набояд, ки бошад касе барфузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.
Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,
Фузунӣ ҳаром асту нохуб низ.[106]

Тарғиби Маздак муваффақияти азим пайдо кард. Ба қавли Табарӣ, мардуми авом аз ин фурсат истифода карда, ба Маздак ва пайравонаш ҳамроҳ шуд ва бо онҳо ваҳдат намуд. Ба қавли Берунӣ, «мардуми мутааддид пайрави ӯ шуданд»[107].

Неҳзати маздакиён дар пойтахти Эрон боиси он шуд, ки издиҳоми гушнагон анборҳои ғаллаи ашрофу бойҳоро тороҷ карданд. Дар як муддати кӯтоҳ шӯриш саросари мамлакатро фаро гирифт. Маздак молу мулки бойҳоро кашида мегирифту дар байни камбағалон тақсим мекард. Бисёр заминдорони калони Эрон кушта шуданд; бисёрии онҳо ба мамлакатҳои ҳамсоя гурехтанд.

---

[103] Klima O., 1957. Тафсири муфассали таъриху таълимоти неҳзати Маздак аз доираи мавзӯи мо берун аст, мо фақат баъзе нуктаҳои онро хотирнишон намуда, хонандаро ба асарҳон махсуси бахшида ба таърихи Эрони сосонӣ ҳавола мекунем.
[104] Шмидт А. Э., 1958, с. 450-451.
[105] Иқтибос аз китоби: Пигулевская Н. В., 1956 а, с. 296.
[106] Фирдавсӣ, 1966, с. 60-61.
[107] Шмидт А. Э., 1958, с. 451, 490; Берунӣ, 1957, с. 213.

Кайқубодшоҳ аз ҷони худ тарсида ва бо роҳи суст кардани мавқеи ҳокимони маҳаллӣ ва намояндагони калонтарини аъёну ашроф ҳокимияти марказиро пурқувват карданӣ шуда, худро пайрави таълимоти Маздак эълон намуд. Сабаби ин кирдори Кайқубодшоҳро муаррихон ҳар хел шарҳ медиҳанд. А.Гутшмид ва Т.Нёлдеке дар асоси ишорати бевоситаи муаррихони асри миёна чунин ақидаро пеш ниҳоданд: Кайқубодшоҳ барои ҳамин зидди неҳзати маздакиён набаромад, ки умед дошт, онро ба роҳи барояш фоиданок равона мекунад, яъне дар мубориза зидди аъёну ашроф ва рӯҳониён, ки бо онҳо якҷоя буданд, воситае пайдо кунанд.[108] Аксарияти олимони имрӯза чунин ақида доранд.[109] Аммо А.Кристенсен баръакс, чунин мешуморад, ки Кайқубодшоҳ аз таҳи дил ба маздакиён ҳамроҳ шуда, пайрави собитқадами онҳо гардид. Ба фикри аксари олимони советӣ гапи А. Кристенсен дуруст не. Сабаби ин кирдори Кайқубодшоҳ ғаразу тамаъи сиёсӣ буд, на ҳусни таваҷҷуҳ нисбат ба маздакиён ва на хайрхоҳӣ нисбат ба маздакиён ва на хайрхоҳӣ нисбат ба халқ.[110]

Аъёну ашроф Кайқубодро аз тахт фуроварда, ба зиндон андохтанд (соли 496) ва ба тахт бародари ӯро шинонданд, ки мақсаду мароми аъёну ашрофро ба амал барорад. Вале ба Кайқубод муяссар шуд, ки аз зиндон гурезад ва зимнан аз зиндон гурехта, рост ба назди ҳайтолиён рафт, зеро подшоҳи ҳайтолиён почои Кайқубодшоҳ буд. Қайқубод ба назди почояш рафта, хоҳари ӯро ба занӣ гирифт. Яшу Стилат ин воқеаро чунин ба қалам додааст: «Кайқубодшоҳ домоди подшоҳ шуда, хеле қомат афрохту ҳар рӯз ба зорию тавалло даромад, ки ба вай лашкар диҳад, то ки рафта аъёну ашрофро аз дами теғ гузаронад ва боз соҳиби мамлакати худ шавад. Ва падарарӯсаш лашкари сершуморе ба вай дод ва Кайқубодшоҳ бо ин лашкар ба сарҳади Эрон расида буд, ки бародараш инро шунида гурехт ва Кайқубодшоҳ ба мурод расид ва ашрофро қир кард».[111] Хуллас, соли 499 Кайқубодшоҳи I бо ёрии лашкари ҳайтолиён боз ҷулус мекунад ва ба ҳамон қисми аъёну ашроф, ки зидди вай буданд, ҷазои сахт медиҳад.

Баъди бо ёрии ҳайтолиён боз ба тахт нишастани Кайқубодшоҳ муносибати вай ба маздакиён тадриҷан дигар шудан гирифт, вай аввал ниҳонӣ, баъд рӯйрост пайравони Маздакро чунон таъқиб кардан гирифт, ки гӯё онҳо душмани қаттоли вай бошанд. Дар солҳои 528 ва 529 Кайқубодшоҳ бо роҳи фиребу қаллобӣ аввал Маздак, баъд роҳбарони неҳзатро ба қатл расонд. Дар саросари мамлакат куштори ваҳшиёнаи маздакиён сар шуд.

---

[108] Nöldeke Th., 1879, 142–143, 461.

[109] Масалан, ниг.: Frye R. N.. 1963, p. 212.

[110] С.П.Толстов чунин ақидаро пеш ниҳод: Қайқубодшоҳро дар ҷавонӣ падараш Пирӯз чун гаравӣ ба дарбори шоҳи ҳайтолиён дода буд. Дар асоси ин воқеа, ки дар сарчашмаҳо қайд шудааст, С.П.Толстов ба хулосае меояд, ки сабаби бо маздакиён созиш кардани Кайқубодшоҳ «ошно будани вай бо тартиботи ҳайтолиён аст, яъне анъанаҳои ҷамоатию авлодии сохти ҷамъияти ҳайтолиён бо шиорҳои меҳнатии маздакиён мувофиқат дошт ва Кайқубодшоҳ, эҳтимол, гумон дошт, ки бо роҳи ба амал баровардани ин шиорҳо давлати ҷавони барбарии «гуннҳои сафед»-ро чун намунаи ибрат дар назар дошта, империяи Сосониёнро, ки торафт суст мешуд, боз мустаҳкам кардан мумкин аст» (Толстов С.П., 1948 б, с. 216). Вале ҳайтолиён ҳаргиз дар давраи сохти ибтидоии ҷамоатӣ набуданд, дар ҷамъияти онҳо тақсимоти равшани молумулкӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд дошт.

[111] Пигулевская Н.В., 1940, с. 136.

Муҳимтарин сабаби шикасти маздакия ҳамин, ки он зидди муносибатҳои феодалӣ буд, ки дар ҳамон давра зинаи лозимаи тараққиёт ҳисоб мешуд, аммо шиори маздакиён, ки барқарор намудани баробарии ҷамоатиро талаб мекард, дар ҳамон шароит бозгашт ба қафо буд, бозгашт ба он шаклҳои сохти ҷамоативу авлодӣ буд, ки кайҳо аз дарун гандида, ҳаққи вуҷудро гум карда буд.

Вале шӯриши Маздак ба таври объективона хусусияти прогрессивӣ дошт, зеро халқро ба муборизаи зидди зулму истисмор бархезонд. Таълимоти Маздак ба табақаҳои нодори ҷамъият таъсири бузург расонд ва саросари Осиёи Миёна, ки дар ин ҷо ҳам ташаккули муносибатҳои феодалӣ оғоз ёфта буд, паҳн шуд.

Аз шикасти неҳзати Маздак дере нагузашта, писари Кайқубодшоҳ Хусрави Анӯшервон (солҳои 531–579), ки душмани ашаддии Маздаку маздакиён буд, дар Эрон чанд ислоҳот гузаронду бо ҳамин муносибатҳои феодалиро хеле мустаҳкам кард.

# БОБИ ДУВУМ

# ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ VI – ИБТИДОИ АСРИ VIII

## 1. ВОҚЕАҲОИ АСОСИИ ТАЪРИХИ СИЁСӢ. МУБОРИЗАИ СИНФӢ

### Хоқонии турк ва нуфузи ҳокимияти он дар Осиёи Миёна

Дар асри VI хеле дур аз ҳудуди Осиёи Миёна дар Олтой зери унвони «Хоқонии турк» (солҳои 551–744) иттиҳоди давлатие пайдо шуд, ки дар таърихи Осиёи Миёна роли муҳим бозид. Туркҳо дар сарчашмаҳо бо номҳои гуногун маълуманд, вале бояд гуфт, ки ин номҳо ба ҳамдигар хеле айният доранд. Хитоиҳо онҳоро «тутсзюе» мегуфтаанд (гумон меравад, ки талаффузи қадимии он tiuet kiwat буд ва ин худи ҳамон тюркют мебошад, ки он номи туркҳо дар забони жожҳои муғулзабон аст. Мувофиқи катибаҳо худи туркҳо худро тюрк мегуфтанд, суғдиёну форсҳо онҳоро «турк» меномиданд. Роҷеъ ба этимологияи ин калима олимони гуногун ақидаҳои гуногун доранд[1].

Ҳокими туркҳо Бумон аввал теле ном қабилаеро мутеъ сохта, қувват гирифту баъд зидди иттиҳоди қабилаҳои жожҳо, ки то ин дам бар туркҳо ҳукмронӣ мекарданд, ба ҷанг даромад ва дар Муғулистону Олтой давлати пурқувват таъсис дод. Вусъати минбаъдаи ин давлат дар давраи яке аз валиаҳдҳои Бумонхоқон Мӯҳон (солҳои 553–572) хеле авҷ гирифт. Ба лашкаре, ки сӯйи ғарб раҳсипор гардид, бародари Мӯҳон Истам сарварӣ мекард. Соли 555 вай ба «Дарёи ғарбӣ» расид (эҳтимол, баҳри Арал бошад). Катибаи калони Кӯлтегин хабар медиҳад, ки «онҳо (яъне, Мӯҳону Истам – Б.Ғ.) халқи худро то таги Темурқапиқ маскун намуданд»[2]. Темурқапиқ («Дарвозаи оҳанин») номи асримиёнагии убургоҳи кӯҳиест, ки аз Суғд ба Тахористон мебурду худаш дар кӯҳҳои Бойсун воқеъ буд. Дастаҳои пешгарди лашкари туркҳо ба сарҳади Эрон мерасанд, дар ғарб то худи баҳри Сиёҳ рафта, Босфори Қиммериро ишғол мекунанд. Империяи бениҳоят калони кӯчманчиён пайдо мешавад, ки аз худи Корея то соҳилҳои баҳри Сиёҳ масоҳати азимеро фаро мегирифт. Хитой амалан вассали туркҳо шуд ва ҳар сол товони ниҳоят калон медоду бо ҳамин ҷонашро халос мекард. Дар назди ин «фавқулдавлат»-и туркҳо дигар ду давлати калонтарини он давра – Эрон ва Византия ба ҳарос меомаданд.

Вале иттиҳод насиби ин давлати бузурги туркҳо нашуд. Ҷангҳои байниҳамдигарӣ авҷ гирифтанд ва дар ибтидои асри VII (солҳои 600–603)

[1] Кононов А.Н., 1949, с. 40–47; Кляшторний С.Г., 1964, с. 18–19

[2] Малов С.Е., 1951, с. 36.

хоқонӣ ба ду қисм – ба Хоқонии шарқии туркҳо ва ба Хоқонии ғарбии туркҳо тақсим шуд (Осиёи Миёна дар ҳайати Хоқонии ғарбии туркҳо монд). Солҳои 630–682 Хоқонии шарқии туркҳо тамоман аз қувват рафт ва амалан дигар вуҷуд ҳам надошт. Дар охири асри VII дар муборизаи зидди Хитой Хоқонии дувуми шарқии туркҳо таъсис ёфта, зуд қувват мегирад. Ин давлат, алалхусус, дар аҳди Моҷо ё худ Қапаганхоқон (солҳои 691–716) хеле пурқувват мешавад. Боз ливои туркҳо дар таги девори қалъаи Пекин ба ҷавлон меояд ва боз лашкари Қапаганхоқон ҳуҷумкунон аз дарёи Хуанхэ мегузарад. Туркҳо дар саросари шимоли Хитой ҳукмронӣ мекарданд, даҳҳо, садҳо ҳазор сокинони онро мекуштанд ё ба даштҳо гирифта мебурданд, сарвати беандозае ғорат мекарданд. Рӯ ба ғарб ба Осиёи Миёна ҳам тохтутози худро оғоз менамуданд.

Дар охири асри VII ва миёнаи асри VIII арабҳо ноҳияҳои асосии Осиёи Миёнаро ишғол намуда, ҳукмронии сиёсии туркҳоро дар ин кишвар аз байн бардоштанд.

## Туркҳо ва Ҳайтолиён

Ҳанӯз вақте ки туркҳо ба Осиёи Миёна сар медароварданд, бояд ба Ҳайтолиён дучор меомаданд. Вақте Хоқонии турк ба нияти тасхири Осиёи Миёна афтод, задухӯрд ногузир гардид.

Вазъияти Ҳайтолиён барои ҳамин ҳам мушкил буд, ки онҳо дар байни ду оташ монданд, ки яке туркҳо буданду дигаре Эрони сосонӣ. Эрон маҳз дар ҳамин давра, яъне дар аҳди Хусрави Анӯшервон (солҳои 531–579) комилан ташаккул ёфта, иқтидори он хеле афзуд ва ба Ҳайтолиён дигар боҷ ҳам намедод.[3]

Ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри VI дар шимоли Осиёи Миёна туркҳо ба Ҳайтолиён дучор омаданд. Аз афти кор, Ҳайтолиён, ҳатто гумон накардаанд, ки бо чи гуна душмани тавоно рӯбарӯ шудаанд. Сардори Ҳайтолиён, ҳатто ба ҳуҷум гузашта, туркҳоро пеш карданӣ шуд, вале Қотулф ном вазираш ӯро аз ин кор боздошту гуфт, ки қуввати Ҳайтолиён дар хоки худашон фузунтар аст (Менандр, порчаи 10). Ҷанг (аз афти кор, бо баъзе танаффус) хеле тӯл кашид. Сарвари туркҳо Силзибул аварҳоро тарсонд, ки баъди торумор кардани Ҳайтолиён дигар душманони худро ҳам ба хок яксон хоҳад кард (Менандр, порчаи 10).

Хусрави Анӯшервон бо туркҳо гуфтушунид мекунаду мақсад аз он таъсиси иттифоқе буд, ки бояд ҳайтолиёнро барҳам медод. Ҳамаи ин воқеаҳоро Фирдавсӣ хеле муфассал ба қалам додааст:

Зи Балху зи Шукнону Омӯю Зам,
Силеҳу сипаҳ хосту ганҷу дирам.
Зи Хатлону аз Тирмизу Висагирд,
Зи ҳар сӯ сипаҳ андаровард гирд[4].

---

[3] Дяконов М.М., 1961, с. 309–315, 321.
[4] Фирдавсӣ, 1966, с. 223–224.

Дар ин мобайн Ғотифар лашкар ҷамъ кард. Аз Балх, Шуғнон, Хатлон, Вашгирд ё Висагирд (ноҳияи Тоҷикистони ҷанубӣ), Тирмиз, Омул, Зам лашкари бисёре омада, дар атрофи Бухоро ҷой гирифт. Муҳорибаи асосӣ дар қарибии Бухоро шуд.

Бухоро пур аз гурзу кӯпол буд,
Ки лашгаргаҳи шоҳи Ҳайтол буд,
Бишуд Ғотифар бо сипоҳе чу кӯҳ,
Зи Ҳайтол гирд оваридӣ гурӯҳ,
Ба ҷанг андаромад зи ҳар сӯ сипоҳ
Зи тангӣ бубастанд бар бод роҳ.[5]

Ҳикояти Табарӣ ҳам дар ин бора аниқу мухтасару муҷаз аст: «Тавонотарину муқтадиртарини туркҳо Санҷибу буд, ки аз лашкари бешумори шоҳи ҳайтолиён Варз наҳаросида, ба ҷанг даромад. Варз ва лашкари ӯро нобуд сохт, сарвату мулки ӯро ғасб кард, ба ҷуз он ҷойҳое, ки пештар Хусрави I тасарруф карда буд[6].

Инак, ҳар ду тараф мекӯшид, ки аввалин шуда ба Ҳайтолиён зарба занад ва амалан Ҳайтолиён бар зидди ду душмани муқтадир танҳо меҷангиданд. Дар масъалаи номҳо бошад, Синҷибуи муаррихони араб, бешак, ҳамон Синзибули маъхазҳои византӣ мебошад.[7] Т.Нёлдеке таклиф мекунад, ки номи подшоҳи Ҳайтолиён Варз[8] хонда шавад (вале ин аниқ не). Агар ин таклифро қабул кунем, пас ин калимаи форсиест, ки маънояш «гуроз» мебошад. Баъзе волиёни шарқиэронӣ, масалан, волиёни Марв, Ҳирот, Гарҷистон, Нисо чунин унвон («вараз») доштанд[9]. Маънои ин номро дигар хел шарҳ додан ҳам мумкин – эҳтимол, ки маънои он «баланд» бошад (ниг.: βrz– варзи суғдӣ).

Ба ақидаи Э.Шаванн, ки ин маъхазҳоро хеле муфассал тадқиқ кардааст, туркҳо Ҳайтолиёнро дар ким-куҷои мобайни солҳои 663 ва 567 торумор кардаанд,[10] вале мувофиқи тахмини А.М.Манделштам, ин сана ба ибтидои он фосила наздиктар мебошад, яъне мумкин аст, соли 563 бошад[11]; Г.Моравчик бошад, мегӯяд, ки ин санаро умуман «қарибиҳои соли 560»[12] гуфтан даркор.

Дар ин ҷанги шадид, ки, аз афти кор, масоҳати зиёди Осиёи Миёнаро фаро гирифт, пеш аз ҳама, сокинони шаҳру деҳот зарар диданд.

Байни иттифоқчиён низоъ афтоду аз ҳам ҷудо шуданд ва ҳар яке мехост, ки аз шароити мавҷуда, аз афти кор, ҳаддалимкон фоида барад. Ба қавли Табарӣ, таҷовузро туркҳо сар карда, талаб намудаанд Эрон ҳамон боҷеро, ки замоне ба Ҳайтолиён медод, акнун ба онҳо диҳад. Диноварӣ, баръакс, хабар медиҳад, ки Хусрави Анӯшервон то Бухорову Кешу Насаф расидани туркҳоро шунида, бо сардории валиаҳди худ зидди онҳо лашкар мефиристад, вале туркҳо аз ҷанг

---

[5] Фирдавсӣ, 1966, с. 224.
[6] Nöldeke Th., 1879, c. 158–159.
[7] Nöldeke Th., 1879, s. 158.; Anm. 2; Chavnnes E., 1903, p. 226. Дар бораи шакли ибтидоии туркии ин ном ниг.: Moravcsir G, 1958, S. 275-276.
[8] Nöldeke Th., 1879, s. 159.
[9] Maenchen-Helfen O., 1959.
[10] Chavannes E., 1903, p. 226.
[11] ИТН, II, с. 43.
[12] Moravcsik G., 1958, I, s. 76.

рӯ тофта, ақиб мегурезанд ва тамоми ин ноҳияҳо ба дасти Сосониён мемонад. Ҳанӯз Т.Нёлдеке ишорат карда буд, ки ин хабари Диноварӣ ба дигар маъхазҳо мувофиқат намекунад ва, дар ҳақиқат, ин ноҳияҳои маркази Мовароуннаҳр дар дасти туркҳо буд,[13] вале шубҳае нест, ки ба ҳар ҳол байни иттифоқчиён носозие ба вуҷуд омада буд.




**Сарулибоси туркҳо дар асрҳои X-XI**
**1 – аз рӯйи сурати деворҳои Ҳоҷо; 2 – аз рӯйи сурати Ли Луи-Мян**

[13] Nöldeke Th., 1879, s. 159; Anm 1.




**Сарулибоси халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои VI-VIII**
**1 – тохориҳо (аз рӯйи расмҳои девории Балаликтеппа**
**2 – суғдиён (аз рӯйи расмҳои девории Панҷакент)**

Низои байни Сосониёну туркҳо ба фоидаи Ҳайтолиён буд. Ҷанубитарин ноҳияҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудуди ҳозираи ҷануби Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон дар тасарруфи Эрони сосонӣ ва ноҳияҳои шимолӣ дар ихтиёри туркҳо монд. Байни онҳо сарҳади муайян набуд ва баъзе маҳалҳои (ҳатто ноҳияҳои) мобайнӣ маҷбур мешуданд, ки якбора ба ду тараф боҷ диҳанд. Ҳайтолиёни водии Зарафшон ба туркҳо боҷ медоданд (Менандр, порчаи 18). Ҳайтолиёни ҷанубии Осиёи Миёна, аз афти кор, муддате мустақилона ҳаёт ба сар бурданд. Вале, мувофиқи ривояти Масъудӣ, Хусрави Анӯшервон, зоҳиран, баҳонае ёфта, ба ноҳияҳои паси «дарёи Балх», яъне Амударё лашкар даровarda, то ба Хатлон расид, шоҳи Ҳайтолиён (ки номаш Хушнавоз будааст ва шояд ин ном не, балки унвон бошад) кушта шуд ва Хусрав мулки ӯро ба мамлакати худ ҳамроҳ кард.[14]

Ана ҳамин тавр, давлати Ҳайтолиён вуҷуди худро қатъ карду аз забони маъхазҳо гуфтан мумкин, ки «сипас, тукуесҳо (яъне туркҳо– Б.F.) мулки е-даро (яъне Ҳайтолиёнро– Б.F.) ба ғорат бурданд ва ба авлодҳо қирон омад...»[15].

[14] Altheim F., 1960, с. 57–58.
[15] Бичурин, II, с. 269, муқоиса шавад: Miller R. A., 1959, p. 12.

## Низои туркҳо ва Сосониён. Иқтисодиёт ва сиёсат

Ҳамин ки давлати Ҳайтолиён барҳам дода шуд, байни собиқ иттифоқчиён низоъ хест. Дере нагузашта алангаи низоъ боло меравад ва акнун сабаб на манманиҳои сиёсии тарафайн, балки зиддияти манфиатҳои иқтисодии онҳо буд.

Мо медонем, ки дар давраи Кушониён аз Осиёи Миёна роҳҳои тиҷорат, аз ҷумла, «роҳи абрешим» мегузашт, ки Осиёи Марказӣ ва Римро ба ҳам мепайваст. Баъдтар кирмакдорӣ ва шоҳибофӣ дар худи Осиёи Миёна ривоҷ меёбад. Дар ғарб истеҳсоли шоҳӣ умуман вуҷуд надошт, бинобар ҳамин ҳам империяи Византия ва ҳам Рим фақат нигарони шоҳие буданд, ки аз Осиёи Марказӣ ва Миёна оварда мешуд ва зимнан, дар ин савдо савдогарони форс миёнҷигӣ мекарданд. Византиҳо чанд бор кӯшиданд, ки бевосита аз Ҳиндустон шоҳӣ гиранду дар ин кор ба форсҳо муҳтоҷ набошанд, вале кӯшишҳо бар абас рафт, зеро Эрон ба ин кор зид буд. Форсҳо аз миёнҷигии худ пули ниҳоят калон мегирифтанд, бинобар ҳамин онҳо, аз як тараф, намемонданд, ки Византия бевосита бо фурӯшандагони абрешим робита дошта бошад ва, аз тарафи дигар, чӣ қадар хоҳанд, ҳамон қадар нархи молро боло мебардоштанд. Ҳукумати Византия, ки нархи абрешимро ба тартиб андохтанӣ буд, ба ҳеҷ кор муваффақ нашуд. Дар миёнаҳои асри VI тухми кирмак ба Византия ҳам оварда шуд[16], вале барои тараққии саноати шоҳӣ вақти тӯлоние лозим буд.

Суғдиён, ки худашон шоҳибофӣ мекарданду бо абрешимфурӯшон бевосита алоқа доштанд, дар барори савдои Осиёи Миёнаву Византия беш аз ҳама манфиатдор буданд. Роҳи қулайтарини савдо аз Эрон мегузашт. Вале маҳз дар ҳамин ҷо манфиати савдогарони форс ва суғд ба ҳам дучор омад.

Дар айёми муносибатҳои муътадил ва, эҳтимол, ҳатто ҳамкории байни туркҳову Эрон бо ташаббуси суғдиён қарор дода шуд, ки ба Эрон ҳайати сафорат фиристода, маслиҳат кардан лозим омад, ки оё шоҳиро аз хоки Эрон гузаронда, ба Византия ба фурӯш бурдан ё худ ақаллан ба худи савдогарони форс шоҳӣ оварда, фурӯхтан имкон дорад ё не. Сардори сафорат Монияҳ ном «сарвар»-и суғдиён будааст. Менандр (порчаи 18), инчунин хабар медиҳад, ки хоқони турк ба суғдиён иҷозат додааст «худашон ҳайати сафорат фиристонанд». Ин факт далели ҳамин аст, ки туркҳо Суғдро ҳамчун давлат нест накарда, фақат ба худ мутеъ намуданд. Ин кор, бешубҳа, инъикоси вазъияти сиёсии реалии Осиёи Миёна мебошад. Мо дар ин масъала ақидаи Н.В. Пигулевскаяро[17] пурра тарафдорӣ мекунем ва Л.Н. Гумилёв[18], ки ӯро танқид кардааст, ҳеҷ асосе надорад. Вале Л.Н. Гумилёв ҳам мисли ҳамаи дигар

---

[16] Пигулевская Н. В., 1947, саҳ184, 196; 1951, саҳ 83–95, 184 ва мобаъд.

[17] Пигулевская Н.В., 1951, саҳ 203.

[18] Гумилев Л.Н. (1967 а, с. 46) гумон дорад, ки сабаби ҳайати сафоратро фиристодани маҳз суғдиён танҳо ҳамин, ки «онҳо гуфтушунидро ба зимма гирифтанду боварӣ доштанд, ки ин вазифаро нисбат ба бегҳои тюркют, ки дар дипломатия таҷрибае надоштанд, беҳтар анҷом хоҳанд дод». Вале агар хоқон аз маҳорати дипломатии ҳамқабилаҳои худ дилаш пур набошад, дигар илоҷе ёфтанаш мумкин буд, масалан, метавонист ба ҳайати сафорат ду-се суғдии дипломатро дохил кунаду сафирашро аз номи худ фиристонад. Дарвоқеъ бошад, бо розигии хоқон ҳайати сафоратро маҳз суғдиҳо фиристодаанд.

муҳаққиқон[19] дар як бобат ҳақ аст, корро тавре тасаввур кардан лозим не, ки чи тавре Н.В. Пигулевская менависад, «туркҳо ба муомилоти васеи тиҷоратӣ рағбат надоштанд». Аслан гирем, ашрофи туркҳо хеле «пухта» шуда буд ва нағз мефаҳмид, ки муомилоти васеи тиҷоратии байналхалқӣ, алалхусус, фурӯши шоҳӣ чӣ манфиате дорад. Маҳз ба ҳамин сабаб ташаббуси суғдиён ба хоқони турк маъқул шуд.

Ҳайати сафорати Монияҳ ҳеҷ кор карда натавонист: пас аз нею нестону кашолакориҳои зиёд Хусрави Анӯшервон ҳамин баҳонаро ёфт, ки ба Эрон омадани туркҳо мувофиқи мақсад нест, бинобар ҳамин тамоми таклифҳои ҳайати сафоратро рад кард. Алалхусус, яке аз вазирони шоҳ– Катулф ном ҳайтолӣ ба суғдиён сахт муқобилат кард. Ин ҳамон Катулфе мебошад, ки баъди Ҳайтолиёнро торумор кардани туркҳо дар Эрон паноҳ ёфта буд. Бо маслиҳати ин вазир шоҳ тамоми абрешими суғдиёнро хариду баъд дар пеши чашми онҳо ҳамаашро сӯхта партофт. Н.В.Пигулевская дуруст менависад, ки «бо кирдори худ форсҳо маълум карданд, ки ба моли суғдиён муҳтоҷ нестанд, зеро ин абрешим аз туркҳо омадааст»[20].

Хоқон инро шунида, қарор дод, ки ин сафар аз номи худаш сафорат фиристонад ва ба ҳайати он фақат туркҳоро дохил кард. Маълум, ки сафорати якум тамоман нобарор баромад, вале сарфи назар ба ин, хоқон исроркорона сафорати дувумро ирсол менамояд ва ҳамаи ин далолат мекунад, ки дар таги ин коса нимкоса, яъне тақозои сиёсати «олӣ» ниҳон мебошад. Аз афти кор, туркҳо фаҳмиданӣ буданд, ки Эрони сосонӣ бо онҳо тинҷу осуда зиндагонӣ карданӣ ё худ ба ҷанг тайёрӣ дидан даркор. Рад шудани таклифи сафорати якумро чунин шарҳ додан мумкин буд, ки форсҳо бо давлати мутеъ гуфтушунид кардан нахостанд. Вале шоҳи Эрон ба хоқони тавоно, ки ба қарибӣ иттифоқчии ӯ буд, чӣ ҷавоб медода бошад? Ҷавоби шоҳи Эрон басо равшан буд: аз тамоми ҳайати сафорат фақат якчанд кас гашта омад, дигарон дар Эрон кушта шуданд, гарчанде форсҳо худро сафед карда бошанд ҳам, маълум буд, ки ба аксари сафирон заҳр дода куштаанд. Ҳамаи ин муносибати туркҳо ва Эронро хеле тезутунд кард. Ҳар ду тараф фаҳмиданд, ки ба ҷанг тайёрӣ дидан даркор, зеро ҷанг дар ҳар лаҳза сар шуданаш мумкин буд.

Ба ин сабаб ҳукумати хоқон хост, ки бо душмани азалии давлати Сосониён – империяи Византия робитаи сиёсӣ бандад. Агар чунин робита баста шавад, масъалаи фурӯши шоҳӣ ҳам худ ба худ ҳал мешуд, ҳол он ки ин масъала ашрофи Суғдро (ва ҳам туркҳоро) хеле ба ташвиш меоварду аз анҷоми неки он нишоне ҳам набуд. Сардори ҳайати сафорате, ки бояд ба Византия мерафт, боз ҳамон Монияҳ таъйин шуд. Вай дар даст мактубҳои лозима ва аз инъому пешкашҳо «бисёр шоҳивории қиматбаҳо дошт». Маълум, ки ин сафорат аз хоки Эрон гузашта наметавонист, инак, роҳи дигар интихоб шуд – сафорат қад-қади соҳили шимолии баҳри Каспий мерафту аз Кавказ гузашта, ба Византия мерасид.

Ҳайати сафорат ба Византия омада, инъому пешкашҳо ва мактуберо ба императори Византия супурд, ки ба ақидаи худи византиҳо «бо саводи суғдӣ» (эҳтимол, бо хатти суғдӣ бошад) навишта шуда буд. Муоҳидаи ҳарбие баста

[19] ИТН, II, 1, с.46.
[20] Пигулевская Н.В., 1951, саҳ 203

шуд, ки муқобили Эрон буд. Худи ҳамон соли 568 сафорат ба ватан баргашт ва зимнан ҳамроҳи онҳо ҳайати сафорати ҷавобии византиҳо омад, ки дар сари он Зимарх ном шахсе меистод. Иттифоқи ҳарбию сиёсии туркҳову Византия аз ҳамон вақт сар карда, арзи вуҷуд намуд, алалхусус, ки аз паси ин ҳайати сафорат боз чандин сафар ба Византия рафта омад[21].

Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки соли 581 бар зидди туркҳо Хутан, Форс ва Ҳайтолиён[22] шӯриш бардоштанд. Вале аниқ не, ки ин кадом Ҳайтолиён бошад. Ба гумон аст, ки маъхазҳо аз Хутану Форс сухан ронда, балвои хурдеро дар назар дошта бошанд, аз афти кор, ин шӯриши калоне буд. Эҳтимол, дар ҳамин солҳо, яъне пас аз вафоти Хусрави Анӯшервон (соли 579) дере нагузашта, туркҳо вазъияти пурталотуму пуртаҳлукаи Эронро ба ҳисоб гирифта, хостаанд, ки давлати буферии Ҳайтолиёнро ба мулки худ ҳамроҳ кунанд, ки ин давлат дар Тахористон вуҷуд дошту, аз афти кор, дар охири солҳои 70 ва аввали солҳои 80-уми асри VI мустақил шуда буд[23]. Вале дар ҷангҳои ҷануб туркҳо якбора ҳам ба лашкари Ҳайтолиён ва ҳам ба лашкари Эрон дучор омаданд. Мувофиқи хабару ривоятҳо маълум мешавад, ки ғалабаи туркҳо пурра набудааст – ба онҳо фақат Ҳайтолиёни соҳили рости Тахористон мутеъ шудаанду Ҳайтолиёни соҳили чап мисли пештара мустақил мондаанд.

Якчанд сол гузашт, инак соли 588 туркҳо бо сардории Совашоҳ ба ҳудуди давлати Сосониён зада даромаданд. Зидди онҳо сарлашкари забардасти Эрон – Баҳроми Чӯбина мебарояд. Ин мард ҳам дар зиндагӣ ва ҳам баъди вафоташ ниҳоят машҳур буд. Дар адабиёти паҳлавонӣ қиссае вуҷуд дошт, ки корубори ӯро ситоиш мекард, дар маъхазҳои ба он давраҳо наздик номи вай хеле бисёр зикр шудааст. Вале ҳамаи онҳо то ба рӯзҳои мо нарасидаанд, мадракоти онҳоро Фирдавсӣ ва муаррихони араб истифода бурдаанд. Вале маҳз чунин будани ҷараёни воқеаҳо набояд боиси шубҳа бошад. Лашкари туркҳо ҳуҷумкунон аз Амударё гузашта, тамоми Тахористонро ишғол мекунаду ба ғарб рафта, то ба Ҳирот мерасад. Дар муҳорибае Баҳроми Чӯбина бо дастаи яккачини лашкари худ ба қароргоҳи сарлашкари туркҳо зада медарояд. Мувофиқи ривояти Диноварӣ, «сипас, шоҳи туркон аспашро талабид, савор шуд ва ба арса баромад ба рӯбарӯи Баҳром; Баҳром тире аз камон зад, ки туркро ба хок яксон намуд ва туркҳо гурехтанд».[24] Баъди ин «Пармуда» (аз рӯйи дигар маъхазҳо «Елтегин») ном писари волии кушташудаи туркҳо лашкари нав ҷамъ карда, ба он қисмҳои лашкари пештарaро ҳам дохил мекунад. Дар бораи ҷараёни минбаъдаи воқеа ду ривоят ҳаст –мувофиқи як ривоят, форсҳо аз Аму гузашта, бори дувум туркҳоро шикаст додаанд; мувофиқи ривояти дувум, дар соҳили Аму дар қарибии Тирмиз тарафайн сулҳ бастаанд.[25]

---

[21] Таҳлили муфассалтарину муътабартарини муносибати туркҳо ва Византияро дар асарҳои Н.В.Пигулевская ёфтан мумкин; аз асарҳои навтарини олимони хориҷа доир ба ин масъала (бо таҳлили маъхазҳои византӣ ва феҳристи мукаммал) ниг.:Moravcsik G., I–II, 1958.

[22] ИТН, II, 1, с. 43.

[23] Манделштам А.М., 1957, с. 133.

[24] Шмидт А.Э., 1958, с. 480.

[25] Дар бораи маъхазҳо ниг.: Nöldeke Th., 1879, s. 272, 474-478; Altheim F., 1962, s. 234 etc. Баёни муфассали воқеаҳоро ниг.: Гумилев Л.Н., 1967 а, с.120-132; 1960 а, с. 64–74.

Дар баробари ин ду хабар боз як ривоят ҳаст, ки ба епископи арман ва муаллифи китобҳои пурбаҳои таърихи Себеос тааллуқ дорад. Ривояти вай хусусан ба ҳамин сабаб ҷолиби диққат ва муътабар мебошад, ки Себеос дар ҷавониаш дар боргоҳи Сосониён зиндагӣ кардааст ва нақли ин воқеаҳоро шунида будааст. Ба қавли Себеос, Баҳроми Чӯбина «лашкари теталиёнро (яъне ҳайтолиёнро.-Б.Ғ.) шикаст дод, Балхро гирифт ва тамоми кишвари Кушониёнро то он тарафи дарёе, ки онро «Ваҳрӯд» (яъне Амударё.-Б.Ғ.) мегуфтаанд, ишғол намуд... Баҳром дар ин вақт бо шоҳи аъзами маскутҳо меҷангид, ки онҳо дар он тарафи наҳри калон сукунат доштанд ва Баҳром лашкари бешумори онҳоро қир кард, худи шоҳро кушт ва хазинаи ин давлатро ба ғорат бурд».[26] Ин ривоят, ки дар адабиёти махсус борҳо муҳокима шудааст (хусусан И.Маркварт муфассал тадқиқ кардааст), ба ҳамин сабаб бениҳоят муҳим мебошад, ки зидди Эрони сосонӣ ҳамроҳи ҳайтолиёни шимоли Афғонистон баромадани туркҳоро равшан нишон медиҳад.

Дар ибтидои асри VII дар солҳои 616–617 Эрони сосонӣ бори дигар мекӯшад, ки Ҳайтолиён ва ҳомии онҳо – туркҳоро шикаст диҳад. Лашкаркаши Эрон – Симбат Багратунӣ ба ноҳияҳои соҳили рости Тахористон ду бор тохтутоз мекунад. Дар ин ноҳияҳо якчанд мулки Ҳайтолиён воқеъ буд, ки ба волии Балх итоат доштанду дар зери ҳокимияти туркҳо буданд. Аз рӯйи хабари Себеос Ҳайтолиён дар он солҳо дар Ҳирот, Бодхез, Толиқон ва Балх зиндагӣ мекардаанд. Гарчанде сарлашкари Эрон дар чандин муҳорибаҳо ғолиб омада, ғаниматҳи бисёре ба даст оварда бошад ҳам,[27] аз афти кор, маълум, ки ин ноҳияҳо дигар ба ҳукумати Сосониён итоат намекарданд ва туркҳо дере нагузашта аз он ҷойҳо дастаҳои лашкари форсҳоро дур ронданд.

## Муносибати хоқони турк ва ҳокимони маҳаллӣ. Синтези Осиёи Миёнаву турк

Аввалҳо сиёсати туркҳо, ки Осиёи Миёнаро ишғол карда буданд, аз сиёсати Ҳайтолиён фарқи казоӣ надошт,[28] яъне онҳо ба ҳокимони маҳаллӣ андоз муқаррар карданд, сулолаҳои пештара боқӣ монданд ва қоидаву қонунҳое, ки дар ин ё он маҳал вуҷуд доштанд, тағйир наёфтанд. Маълум, ки агар хавфи ҷанг пеш ояд, онҳо бояд ҳокими худро дастгирӣ мекарданд. Вале тадриҷан вазъият дигар мешавад. Туркҳо дар Осиёи Миёна тартиби идораи маъмуриро аз худ намуданд ва акнун дар гӯшае истода, бепарвоёна нигоҳ карда наменишастанду балки тадриҷан ба бинокорони фаъоли ҳаёти Осиёи Миёна табдил меёфтанд. Аъёну ашрофи ҳариси турк беш аз пеш дар андеша мемонд, ки чаро фақат як қисми сарвати аз халқ ситондашударо мегирифтаасту ҳамаашро не? Инак, соли 605 туркҳо волии ноҳияи Чочро кушта, ба ҷойи вай «Дола» ном туркро шинонданд.[29]

[26] Тревер К. В., 1954, с. 140.
[27] Дар ҳамон ҷо, с. 142–143.
[28] С.П.Толстов сиёсати волиёни туркро дар Осиёи Миёна ба сиёсати Ҳайтолиён муқобил мегузорад, ки ин ақидаи вай ғалат аст. Асоси гапи вай ҳамин ки «Ҳайтолиён ба дастгирии оммаи халқ, ки зидди унсурҳои доимоафзояндаи феодалӣ мубориза мебурданд, такя менамуданд» (Толстов С.П., 1948 а, с.278). Вале ин даъво асоси ҷиддие надорад.
[29] Бичурин, II, с. 313

Дар аҳди «Туншаху» ном хоқон, ки дар хоқонии ғарбии турк ҳукмронӣ мекард, соли 618 ислоҳоте эълон гардид, ки, мувофиқи он, хоқони мазкур тамоми ҳокимони маҳаллиро волиёни худ хонда, ба ҳамаи онҳо унвонҳои лозима дод. Барои назорат ба кори онҳо вай намояндагони худро низ таъйин кард, ки онҳо ҳам бояд андоз меғундоштанд.[30] Оё хоқон ин ислоҳоти худро ба амал баровард ё не? Ба ҳар ҳол, ин кӯшише буд дар роҳи таъсиси ягон хел иттиҳоди давлатӣ дар заминаи мулкҳои ҷудо-ҷудои мустақил. Дар дасти Туншаху (солҳои 618–630) қувваи пурзӯри ҳарбӣ барин як воситаи ниҳоят ҷиддии реалӣ буд. Мувофиқи ривояти маъхазҳо, худи вай «далеру дурандеш буду дар ҳама гуна муҳориба ғолиб мебаромад»[31]. Дар натиҷа дар аҳди вай бисёр ҳокимони маркази Осиёи Миёна сари итоат фуруд оварданд. Дар баробари зӯрӣ вай зориро ҳам кор мефармуд. Масалан, яке аз тавонотарин ҳокимони Самарқандро ба худ домод кард.[32] Вақте лашкаркаши Эрон – Симбат Багратунӣ ба ҳайтолиён дарафтод, Туншаху ба мадади онҳо омад ва баъди он ки худи Багратунӣ ба Эрон бозгашт, дастаи туркҳо аз дарё гузашта, гарнизони эрониёнро дур ронданд. Тамоми Тахористон аз панҷаи Сосониён озод карда шуд. Таъбири маъхаз, ки Туншаху «Форсро гирифт» гуфтааст, ба ҳамин маъно мебошад. Дар худи ҳамин ҷойи маъхаз гуфта шудааст, ки Туншаху «Гибинро гирифт»,[33] яъне ҷануби Афғонистонро гирифт ва ба ҳамин тариқ, тамоми шимолу ғарби Покистони ҳозира ба тасарруфи туркҳо афтод ва ё ҳеҷ набошад, ба туркҳо мутеъ гардид.[34]

Баъди вафоти Туншаху (соли 630) вазъияти Хоқонии ғарбии турк ноустувор мешавад. Исёну шӯбҳо, низоъву хархашаҳои байни аъёну ашроф ба сари ноҳияҳои зироаткори Осиёи Миёна ҳам фалокату касофати зиёде овард – тороҷу ғорату тохтутозҳо авҷ гирифт. Масалан, волии Фарғона кушта шуду дар шимоли Фарғона волиёни турк ба сари ҳукумат омаданд.

Сабабҳои дохиливу хориҷии сиёсӣ Хоқонии ғарбии туркро аввал аз дарун шалақ карда, баъд онро тамоман барҳам заданд. Дар айни ҳол бояд қайд кард, ки тоифаҳои туркҳо ба воҳаҳо сар даровroutанд; қисми онҳо муқимӣ сокин шуданд; қисми дигари онҳо дар воҳаҳои канорӣ машғули чорводорӣ гардиданд; туркҳо дар шаҳрҳо ҳам сокин буданд; ба аксари вилоятҳо волиёни турк ё худ туркнажод ҳанӯз ҳукмронӣ мекарданд.

Саҳми туркҳо ба хусусияти ҳунармандии Осиёи Миёна кам нест. Мувофиқи мадракоти археологӣ, ҳанӯз то ба Осиёи Миёна омадани туркҳо ҳунармандӣ хеле ривоҷ ёфта будааст. Ашёи металлӣ, алалхусус ашёи заргарии онҳо, яроқу аслиҳаи онҳо, асбоби зебу зинати онҳо бағоят хушсифат ва хушсохт буд. Зери таъсири торевтикаи туркҳо дар заминаи намунаҳои маҳаллӣ баъзе навъҳои махсуси сафололоти Суғду Фарғона, масалан, машрабаҳои олиҷаноби сафолӣ[35] ва инчунин тасмаҳои аҷоиби қуроқ ва ғ. пайдо мешаванд. Дар асрҳои VII–VIII унсури туркӣ дар таркиби ҷамъияти Осиёи Миёна хеле

[30] Бичурин, I, с. 283.
[31] Дар ҳамон ҷо.
[32] Бичурин, II, с. 311; Chavannes E., 1903, p. 24, 135
[33] Бичурин, II, с. 283.
[34] Аз тарҷумаи Э.Шаванн, ки андаке аз тарҷумаи Бичурин фарқ дорад, чунин маъно мебарояд (Chavannes E., 1903, p. 24).
[35] Маршак Б.И., 1961.

такмил ёфта, аз ҳисоби аслиҳаву тарзу усулҳои илми ҳарбии туркҳо бой мешавад. Таъсири туркҳо ба ҷанбаҳои гуногуни маишат низ хеле калон аст ва дар асарҳои санъати тасвирии ондавра симои туркӣ бисёр ба назар мерасад. Таъсири байниҳамдигарии назму эпоси халқии турк ва назму эпоси халқиятҳои муқимии Осиёи Миёна самараи зиёде овард[36]. Туркҳое, ки ба Осиёи Миёна омада монданд, дар ҳаёти динии мардумони кишвар ва дар офариниши сарватҳои маданӣ фаъолона ширкат варзиданд ва баробари мардуми маҳаллӣ офаридгори ҳақиқии он сарвати маданӣ шуданд, ки насибаи тамоми халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Аллакай дар ҳамон даврае, ки мавриди назари мо шудааст, таркибан пайвастшавии урфу одат, дину оин ва маросиму маданияти халқҳои эронизабону туркизабони Осиёи Миёна оғоз ёфта, бо суръати тамом идома меёфт.

## Неҳзати Абрӯй

Аҳволи аҳли меҳнат ниҳоят вазнин буд.[37] Ба ин муносибат маълумоти неҳзати Абрӯй ниҳоят муҳим аст. Ин маълумот аз як боби асари Абдурраҳмон Муҳаммади Нишопурӣ (асри XI) – «Хазината-л-улум» («Хазинаи илмҳо») ба назар мерасад, ки онро Наршахӣ дар таҳрирҳои охирини «Таърихи Бухоро» ба китоби худ зам карда буд. Ба қавли Наршахӣ, Нишопурӣ навиштааст, ки мардум дар ноҳияи Бухоро аз давраҳои қадимтарин сокин будаанд: «Ва мардумон аз ҳар ҷониб омаданд ва он ҷо хуррамӣ гирифт. Ва мардумон аз ҷониби Туркистон омадандӣ ва бад-ин вилоят об ва дарахтон бисёр будӣ ва шикор бисёр будӣ. Он мардумонро ин вилоят хуш омад. Ин ҷо мақом карданд. Ва ба рӯзгор мардум гирд омаданд ва иморатҳо карданд. Ва мардум бисёр шуданд ва якеро баргузиданд ва амир карданд. Ва номи ӯ Абрӯй буд ва ҳанӯз ин шаҳр набуд». Подшоҳ худ дар Пойкент истиқомат дошта, шаҳрро «Қалъаи Дабусӣ» номиданд. «Ва чун рӯзгоре баромад, Абрӯй бузург шуд ва зулм пеш гирифт, бад-ин ноҳият, чунонки мардум беш сабр натавонистанд кард. Деҳқонон ва тавонгарон аз ин вилоят бигрехтанд ва ба Туркистон ва Тироз шаҳре бино карданд. Ва он шаҳрро «Хамук» ном карданд, аз баҳри он ки деҳқони бузург, ки раиси он тоифа, ки аз он ҷо рафта буд, вайро «Хамук» ном буд... Пас он мардум, ки ба Бухоро монда буданд, ба наздики меҳтарони худ кас фиристоданд ва фарёд хостанд аз ҷабри Абрӯй. Он меҳтарон ва деҳқонон ба наздикии подшоҳи туркон рафтанд ва номи он подшоҳ Қарочурин Турк буд...» Ӯ писари худ – Шери Кишварро бо лашкари зиёд равон кард. Шери Кишвар ба Бухоро омада, дар Пойкент Абрӯйро дастгир кард. Ӯ «бифармуд, то як ҷуволеро бузург аз кабти сурх пур карданд ва Абрӯйро дар он ҷувол

[36] Бертелс Е.Э., 1960, с. 84–87; Стеблева И.В., 1965, с. 65–68.

[37] Л.Н. Гумилев менависад: «Деҳқонону тоҷирони Суғд аз хонҳои хоқонии ғарбии тюркют (турк– Б.Ғ.) ин қадар некӣ диданд, ки худашон такягоҳи мустаҳками тахт шуданд». Баъд дар бораи дар асри VII равнақу ривоҷ ёфтан иқтисодиёту маданияти Осиёи Миёна сухан ронда, ба чунин хулоса меояд: «вале тамоми ин беҳбудӣ натиҷаи ба хони тюркют итоат доштани Суғд мебошад» (Гумилев Л.Н., 1967 а, с.152). Ин хулосаҳо (алалхусус, хулосаи дувум) ғояти хориқа мебошад, зеро ба фактҳо мутлақо хилоф аст. Л.Н. Гумилев аз мадракоти сарчашмаҳои таърихӣ дур меравад ва бар замми ин фаромӯш мекунад, ки ҳодисаҳои таърихиро фақат аз нуқтаи назари мубоизаи синфӣ таҳлил кардан даркор.

карданд, то бимурд». Баъд аз ин Шери Кишвар ҳокими вилояти Бухоро шуд ва ба гурезагон фармон кард, ки ба ҷойҳои худ баргарданд, чун «ҳар кӣ тавонгар буд ва деҳқони бузург буд, гурехта буд ва дарвешон ва фақирон монда буданд. Чун он қавм бозомаданд, он қавм, ки бечора монда буданд, хидматгорони он қавм шуданд. Ва дар миёни он қавм деҳқони бузург буд, он деҳқонро «Бухорхудот» гуфтандӣ, аз баҳри он ки деҳқонзодаи қадим буд ва зиёъ бештар ӯро буд. Ва ағлаби ин мардумон кадеварон ва хидматгорони ӯ буданд».[38]

Олимон ин ривоятро борҳо тадқиқу таҳқиқ карданд. Аввал ақидае пайдо шуд, ки ривоят афсонаи одӣ аст ва дар он, эҳтимол, дарёи Зарафшон ташхис дода шудааст ва ё худ инъикоси ривоятҳои ниҳоят қадимтарини маскуншавии водии Зарафшон мебошад.

Э.Захау ва К.Инострансев, ки машҳуртарин донандагони таърихи қадимии Осиёи Миёна мебошанд, ривояти мазкурро маҳз ҳамин тавр маънидод мекунанд. И.Маркварт бори аввал дар як қатор асарҳои худ[39] ақидаеро пеш ниҳод, ки дар ин ривоят воқеаҳои реалии таърихӣ инъикос шудаанд. Зиёда аз ин, вай исбот мекунад, ки дар ин ривоят сухан аз мубориза меравад, ки туркҳову Ҳайтолиён барои Суғд мебурданд, яъне сухан аз воқеаҳои солҳои 60-уми асри VI меравад. Дар асоси чандин муқоисаҳо вай тахмин мекунад, ки Абрӯй бояд яке аз шоҳони охирини Ҳайтолиён бошад (дар омади гап, вай шакли «Абрез»-и ин номро қабул кардааст, дар яке аз дастнависҳо дучор мешавад).

С.П.Толстов ҳам фарзияи аҷиберо пеш ниҳод. Ба ақидаи вай, ин воқеаҳо дар охири солҳои 80-уми асри VI рӯй додаанд ва ба низоъву хархашаи дохили хоқонии турк нисбат доранд, ки дар натиҷаи он туркҳо ба воҳаи Бухоро ба тарзи оммавӣ муҳоҷир шуда буданд. Вай таклиф мекунад, ки ашхоси ривояти Нишопурӣ бо ашхоси реалии хоқонӣ, ки дар ҳамон давраҳо амал мекарданд, муқоиса карда шавад.[40] Вале ҳам дар фарзияи С.П.Толстов ва ҳам дар тахмини И.Маркварт ҷойҳои суст ҳастанд ва фарзияи вай ҳарчанд ҷолиби диққат бошад ҳам, алҳол дурустии он исбот нашудааст. Аз эҳтимол дур не, ки ин воқеаҳо андаке сонитар, яъне дар солҳои 90-ум рӯй додаанд[41].

Ба он тавсифе, ки С.П.Толстов ба ҷараёни ҳодисаҳо додааст, розӣ шудан аз имкон берун мебошад, вале дар айни ҳол вай дуруст хулоса мебарорад, ки ин неҳзат хусусияти аёни иҷтимоӣ дошт. Дар ин мубориза ва умуман дар ҳама гуна мубориза нисбати этникӣ ҷиҳати ҳалкунанда нест. Муҳоҷирони одии турк, ки дар ин кишвар сокин буданд ё сокин мешуданд, ҳамдаму ҳамрози суғдиёни камбағал буданд. Ва баръакс, аъёну ашрофи Суғд бо аъёну ашрофи туркҳо аз як гиребон сар мебардоштанд. Ба ҳамин тариқ, мувофиқи ривояти Нишопурӣ ва як қатор дигар мадракот гуфтан мумкин, ки Осиёи Миёна арсаи муборизаи шадиди синфӣ буд ва сабаби ин мубориза ҳамин буд, ки деҳқонон мекӯшиданд ба гардани аҳли озоди ҷамоат юғи истисмор андозанд.

---

[38] Наршахӣ, с. 5–7.
[39] Marquart J., 1901, s. 309; 1938, s. 147–148.
[40] Толстов С.П., 1948 а, с. 248 ва мобаъд.
[41] Манделштам А.М., 1964, с. 48.

# 2. ТАХОРИСТОН ДАР АСРИ VI – ИБТИДОИ АСРИ VIII

## Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи вазъияти Тахористон дар асри VI – ибтидои асри VIII

Номи «Тахористон» бори аввал дар як асари тарҷумавии соли 383 зикр мешавад.[42] Маъхазҳои хитой ин мамлакатро «Тухоло» (T'ou-ho-1o, Tou-ho-1-o ё Tou-hou-1o)[43] номидаанд.

Тахористон ноҳияҳои ҳозираи ҷануби Тоҷикистон, вилояти Сурхандарёи РСС Ӯзбекистон ва ноҳияи шимоли Афғонистонро дар бар мегирифт. Аслан, Тахористони ибтидои асрҳои миёна аз ҷиҳати масоҳат ба Бохтари қадим хеле шабоҳат дошт.

Таърихи сиёсии Тахористони асрҳои VI–VII ниҳоят пурғалаён буд. Давлати буферии Ҳайтолиён, муборизаи зидди туркҳо ва ҳукмронии минбаъдаи онҳо, исёну шӯриш ва ҷангу ҷидолҳои дохилӣ таърихи Тахористонро басо мураккабу печдарпеч кардаанд. Лозим ба таъкид аст, ки ҷараёни зоҳирии таърихи Тахористон ба мо камубеш маълум аст, вале дарвоқеъ, он чизе ки мо медонем, гӯё танҳо сарлавҳаҳои китоби Тахористон мебошанд – мо хабар надорем, ки мазмуну мундариҷаи зери он ё ин сарлавҳа чӣ гуна буд, дар ин ё он ноҳияҳо чӣ гуна воқеаҳо ба вуқӯъ омаданд ва сабаб ҳамин ки дар маъхазҳо маълумот дар бораи ин таърих хеле кам аст. Бозёфтҳои нумизматӣ андаке маълумот доданашон мумкин – ҳангоми ҳафриёти Аҷинатеппа ва Кофирқалъа бисёр тангаҳои тахористонӣ ба даст омаданд, вале онҳо то ба ҳол тадқиқ нашудаанд.

Доир ба Тахористон чанд маълумоти маъхазҳоро зикр мекунем. Сон Юн ном сайёҳе ба Бо-хо (Вахон) омада будааст (соли 519). Вай менависад, ки кӯҳҳои ин ҷо осмонбӯс ва дараҳояш бетаг асту подшоҳи ин мулк дар шаҳре иқомат дорад, ки худаш бино кардааст. Сарулибоси мардум ниҳоят базебу шинам ва аксари он аз чарм. Иқлими кишвар беҳад хунук буда, мардуми одӣ дар ғорҳо зиндагӣ мекунанд. Хусусан бӯронҳои барфӣ зиёд мешудааст. Дар ҷануби мамлакат кӯҳҳои пурбарфи баланд воқеъ будаанд.

Сон Юн роҳашро давом дода, ба кишвари е-да – Ҳайтолиён расид, ки он Бадахшони ҳозира аст. Дар бораи кишвари Ҳайтолиён менависад, ки ин сарзамини обод асту аз пеши ҳар як хона ҷӯйборе гузашта, тамоми сарзаминро шодоб менамояд (эҳтимол, ин рӯдҳои кӯҳӣ ва каналҳои обёрӣ бошанд). Либоси камбағалон аз пӯст аст, вале боён либосҳои аҷоиб дӯхта, бокарруфар мепӯшанд (масалан, либоси маликаи Ҳайтолиён фаши дарозе дошт, ки онро аз қафо канизони махсуси барои ҳамин кор таъйиншуда бардошта мегаштанд). Дар ин кишвар қолинҳои беандоза калон ҳастанд (масалан, чунин қолинҳо дар боргоҳи шоҳи Ҳайтолиён будааст). Сангҳои қиматбаҳо шумор надоштаанд,[44] аспу шутур ҳам бисёр будааст. Пойтахти кишвар шаҳри Бадияи[45] мебошад

---

42 Müller T. W. K., 1948, s. 575.
43 Chavannes E.,1903, p. 155.
44 Beal S., 1906, p. XCII-XCIII.
45 Бичурин, II, с. 268–269.

(шояд ин ном талаффузи нодурусти Бадахшон бошад). Дар маъхази соли 590-ум вилояти Бодочан зикр шудааст, ки ин, бешубҳа, Бадахшон мебошад.[46]

Мадракоти солномаи Оли Суйшу ба ибтидои асри VII нисбат дорад. Вай низ аз Тухоло, яъне Тахористон ривоят мекунад, ки мардуми он бо ҳайтолиён «аралаш» будааст. Инчунин аз «сад ҳазор сарбозони қобили ҷанг» сухан меравад. Дар бораи полиандрия ҳам маълумот ҳаст.[47]

Сайёҳи асри VII Союан-сзан (қарибии солҳои 639–645) умуман Тахористонро тасвир карда, дар бораи бисёр мулкҳои вилояти он хабар медиҳад ва андозаи масоҳати ин мулкҳо ва шаҳрҳоро меоварад. Вай аз шимол омада, аз Дарвозаи оҳанин (аз кӯҳҳои Бойсун) гузашта, ба Тухоло – Тахористон расидааст. Ба қавли вай, арзи Тахористон нисбат ба тӯлаш се баробар зиёдтар будааст. «Наҳри аъзам (дар ин ҷо номи ҳамонвақтаи хитоии Амударё оварда шудааст) сарзаминро ба самти ғарб бурида гузаштааст». Ба гуфти Сюанс-зан, ба оли шоҳони Тахористон кайҳо қирон омада буд, бинобар ин якчанд ҳокимон дар маҳалҳои алоҳида зӯран ба сари ҳукумат баромаданд. Сарзамин аз рӯйи сарҳадҳои табиӣ ба 27 мулк тақсим буду ҳамаи онҳо ба туркҳо итоат дошт. Иқлим ба назари сайёҳ басо нарму серрутубат намудааст. Сарулибоси мардум асосан пахтагӣ ва баъзан пашмӣ буд. Забони онҳо аз забони халқҳои ҳамсоя хеле фарқ дошт. Дар хатти онҳо асосан 25 ҳарф буд (ин хитоӣ, ки ба хатти иероглифӣ одат карда буд, тамоман моту мабҳут мондааст, ки бо роҳи таркиби ҳамин 25 ҳарф тамоми ашёву мафҳумотро ифода кардан мумкин будааст). Тахориён аз чап ба рост менавиштаанду мехондаанд. Адабиёти онҳо бой буда, нисбат ба тамоми адабиёти мавҷудаи Суғд бештар буд. Дар тиҷорат тилло ва нуқраро истифода мебурдаанд. Тангаҳои онҳо аз тангаҳои мамлакатҳои ҳамсоя фарқ дошт.[48]

Сипас, Сюан-сзан хеле мухтасар мулкҳоеро тасвир мекунад, ки дар ҳайати Тахористон буданд. Аз ҷумлаи онҳо Да-ми (Тирмиз) ва Чи-о-ян-на (яъне Чағониён вилояте, ки шимолу шарқи водии Ҳисорро дар бар мегирифт) зикр шудааст. Масоҳати пойтахти Чағониён нисбат ба пойтахти Тирмиз ду баробар хурдтар будааст. Инчунин Шу-ман, яъне Шумон ном бурда мешавад, ки дар асрҳои миёна ноҳияҳои марказӣ ва шарқии водии Ҳисор чунин ном дошт ва аз афти кор, дар асри VII масоҳати бештареро фаро мегирифту ба ҷануб то ба Кофарниҳон тӯл мекашид. Махсусан қайд карда мешавад, ки шоҳи Шумон турк буд. Шумон бо Сзюй-хэ-ян-на (Қабодиён) ҳамсарҳад ва пойтахти он (номаш зикр нашудааст) тақрибан баробари пойтахти Чағониён буд. Дар шарқи Қабодиён вилояти Хо-ша (Вахш) ҷой дошт. Тӯли ин вилоят нисбат ба арзаш дуним баробар зиёдтар буд. Пойтахти он аз пойтахти Тирмиз монданӣ надошт. Шарқтари Вахш мулки Кэ-до-ло (талаффузи қадимаш Kuet-tuet Хуттал (Хатлон)[49] ҷойгир буд, дар шарқ ин мулк бо кӯҳҳои Сунлин (Помир) ҳамсарҳад аст ва он кишварест, ки нисбат ба тамоми мулкҳои мазкур калонтар мебошад.

---

[46] Манделштам А. М., 1957, с. 101, 107.

[47] Бичурин, II, с. 286.

[48] Beal S., 1906. I, p. 37–38; Chavannes E., 1903, p. 196. Дар масъалаи хатти Тахориён мо дар боби боло таваққуф карда будем. Фақат ҳаминро илова карданием, ки муаллифи асри XII Самъонӣ аз Вашгирд (Висагирд, қарибии Файзобод) сухан ронда менависад, ки: «то ислом ин ҷо ҳуруфе буд маълум ва мазбут дар кутуб» (Самъонӣ, варақи 576 б; Бартолд В.В., 1964, с. 469)

[49] Bailey H. W., 1937, p. 886.

Пойтахти он баробари пойтахти Тирмиз буд.[50] Ба муносибати Хатлон боз дар бораи ду вилояти дигар гап задан даркор. Яке аз онҳоро Сю-ан-сзан О-ли-ни меномад ва он дар ҳар ду соҳили Панҷ ҷойгир буду шаҳри асосиаш хеле калон ҳисоб мешуд. Вилояти дигар По-ли-хо аст ва он ҳам мисли О-ли-ни дар сарзамини Тухоло ҷой дошт. Шаҳри асосии ин вилоят ҳам хеле калон буд.[51] С.Бил По-ли-хоро ҳамон Фархор мегӯяд, ки дар харитаи Вуд қайд шудааст (атрофи Кӯкчӣ)[52]. Маркварт ҳам ин гапро баҳснопазир мешуморад[53]. А.М.Беленитский исбот кард, ки И.Маркварт ғалат рафтааст ва хулосаи дуруст баровард, ки гап дар бораи Фархоре меравад, ки дар соҳили рости Панҷ воқеъ аст (ҳозира ноҳияи Фархори Тоҷикистон). Дар масъалаи О-ли-ни ҳаминро гуфтан лозим, ки ин бешубҳа, Архони муаллифони асри миёна мебошад ва дар ҳамон давраҳо дар соҳили рост ҷой дошт.[54] Ғайр аз ин, мулкҳои Сзюй-ми-то (Қумод, ки дар ким-куҷои ноҳияи Қаротегину Дарвозу Ванҷ воқеъ буд), Ши-си-ни (Шуғнон), Бодочуанна (талаффузи қадимааш puat-d'ak-tsitang-nā (Бадахшон) ва Домоситеди (Вахон) номбар мешавад. Пойтахти Домоситеди Хунтодо[55] буд. Гуфта мешавад, ки иқлими ин маҳал ниҳоят сахт аст. Масалан, дар бораи Домоситеди[56] навиштаанд, ки замини онро кӯҳҳои пасту баланд чок кардаасту сатҳи он регзор ва санглох мебошад. Дар ин маҳал тундбодҳои сарди ҷонситон бо қувваи даҳшатоваре мевазидаанд. Ба қавли Сюан-юзан, дар Вахон андак гандуму лӯбиё мекиштанд. Вай аспҳои ҷойдориро бисёр таъриф мекунад – онҳо хурд бошанд ҳам, бағоят пуртоқат буданд ва масофаҳои зиёдро тай карда метавонистанд. Либоси мардум пашмӣ буд.

Дар айни тасвири Шуғнон гуфта мешавад, ки дар ин ҷо гандум, лӯбиё ва ҳатто камтар шолӣ мекоранд. Либоси шуғнониён аз чарм ва пашм буд. Хатти ин ҷо ба хатти тахориён монанд бошад ҳам, вале забони шуғнониён аз онҳо фарқ доштааст.[57]

Сюан-сзан пойтахти Тахористон По-хо (Балх)-ро тасвир мекунад, ки он қалъаи дастнораси нисбатан камодаме буд; ғайр аз ин вай дигар ноҳияҳоеро, ки дар соҳили чапи Тахористон (дар хоки ҳозираи шимоли Афғонистон)[58] ҷой доштанд, тасвир мекунад.

Мувофиқи мадраки таърихи Тан – маъхази нимаи дувуми асри VII ва аввали асри VIII тахориён ҳамроҳи Ҳайтолиён зиндагӣ мекарданд ва ҳаёти

---

[50] Beal H. S., 1906, I, p. 38–41.
[51] Beal H.S., 1906, II, p. 289–290.
[52] Beal H.S., 1906, I, p. 42, N. 140; ниг. инчунин: Минаев И., 1979, с. 65,
[53] Marquart J., 1901, 234.
[54] Беленитский А.М., 1950, с. 110.
[55] Дар бораи ин муқоисаҳо ниг.: Манделштам А. М., 1957, с. 109 ва мобаъд.
[56] Номи «Домоситеди» тобиши санскритӣ дорад ва И.Маркварт ҳам диққати муҳаққиқонро ба ин ҷалб намуда, тахмин карда буд, ки Домоситеди таъбири истилоҳи санскритии Dharmasthiti, яъне «манзили ақоиди [буддоӣ]» мебошад. Вале И.Маркварт фикрашро давом дода менависад, ки ба гумон аст дайрҳои хилвати буддоии Вахон бо ин дабдаба пойгоҳи дини буддоӣ ном гирифта бошанд. Эҳтимол, ин ном яке аз синонимҳои санскритию буддоии номи маҳаллии Вахон мебошад (Marquart J., 1901, s. 225). Ин фарзияи И.Маркварт хеле ҷолиби диққат аст.
[57] Beal S., 1906, p. 291–296.
[58] Beal S., 1906, p. 42-48; II p. 285–292.

муқимӣ ба сар мебурданд[59]. Дар Шуғнон қароргоҳи шоҳ аввал шаҳри Куҳон буд, сонитар вай дар водиҳои гуногуни байни кӯҳҳо зиндагӣ мекардагӣ шуд. Тарҷумаи Н.Я.Бичурин чунин аст.[60] Э.Шаванн матни мазкурро дигар хел фаҳмидааст: «Аввал пойтахт дар шаҳри Куҳон буд, сипас (мардум) дар дараҳои кӯҳӣ маскун шуданд». Дар панҷ водии калон панҷ волии соҳибихтиёр менишасту ҳамаи онҳоро якҷоя «панҷ шин» меномиданд. Мувофиқи хабари маъхаз, зироаткорӣ вуҷуд надоштааст.

Дар бобати Вахон таърихи Тан фақат гапҳои Сюан-сзанро такрор мекунад, масалан, ин таърих ҳам мегӯяд, ки чашми мардуми ин ҷо кабуд аст ва ғ. Вале бархилофи Сюан-сзан маъхаз номи қароргоҳро дигар гуфтааст ва он Сайгашэн мебошаду аз шимолтари ин шаҳр дарёи Уху (Панҷ) мегузаштааст[61]. И.Маркварт талаффузи қадимии ин номро дар назар дошта, тахмин кард, ки ин шаҳр бояд Ишкошим[62] бошад, пас дар ҳамон давраҳо пойтахти Шуғнон дар соҳили чапи дарё воқеъ будааст. Э.Шаванн[63] ва дигар олимон ба ин фикр розианд. Ва он фикр, дар ҳақиқат, тамоман дуруст менамояд.

Инчунин тасвири Хатлон ҳаст, ки дар он давраҳо вилояти калоне буд. Пойтахти он Се-чу-кан ном дошт ва он қароргоҳи подшоҳ ҳисоб мешуд. Мамлакат аз аспҳои оличаноб ва палангҳои зардмӯй эҳтимол, шер ё бабр бошад, бой буд. Дар охир хабар дода мешавад, ки дар ин вилоят чор кӯҳи намак ҳаст[64] ва дар ҳақиқат, ҳоло ҳам дар қарибии Восеъ Хоҷа Мӯъмин ном кӯҳи калони намак ҳаст.

Хой Чао ном дигар дарвеши буддоӣ, ки соли 726 ба Осиёи Миёна омада будааст, дар бораи Тахористон чунин маълумот медиҳад. Мамлакатро арабҳо забт намуданд. Подшоҳ аз онҳо гурехта, дар Бадахшон паноҳ бурдааст. Забони мардум аз забони дигар мамлакатҳо фарқи калон дорад ва андаке ба забони Каписа монанд аст. Барои сарулибос пашмина ва газворҳои пахтагиро истифода мебаранд. Дар сарзамин шумораи шутуру гӯсфанд, хачиру асп ва масоҳати пахтазору токзор зиёд аст. Хӯроки маъмули мардум аз хамир мебошад. Мардон сару ришу мӯйлаби худро метарошанд, занон баръакс, мӯйҳои дароз доранд. Подшоҳ, аъёну ашроф ва мардум пайрави тариқати хиноёнии мазҳаби буддоӣ мебошанд, дайру роҳибон зиёданд[65]. Дар Тахористон даҳ, панҷ, се ё ду бародар як зани умумӣ доранд[66] – ин ахбор далели ҳамин, ки дар ин ноҳияҳо полиандрия расм будааст, ки он бо сукунати ҳайтолиён алоқаманд мебошад.

Дар Хатлон (Хой Чао ин кишварро ҳам чунон тасвир кардааст, ки аксари нуктаҳои он ба тасвири умумии Тахористон қариб як аст) низ подшоҳ аз туркҳо буду нимаи мардум ху, яъне ҷойдорӣ, нимаи дигараш туркҳо. Мамлакат дар дасти арабҳо мебошад. Як қисми мардум ба забони тахорӣ, қисми дигар ба туркӣ ва боз як қисм ба шеваи маҳаллӣ гап мезананд. Дар

---

[59] Бичурин, II, с. 321.
[60] Дар ҳамон ҷо, с. 333.
[61] Дар ҳамон ҷо, с. 323–324; Chavannes E., 1902, p. 162–165.
[62] Marquart J., 1901, S. 224.
[63] Chavannes E., 1901, p. 165, N 1.
[64] Бичурин, I, с. 236.
[65] Fuchs W., 1930, S. 449.
[66] Дар ҳамон ҷо, S. 452.

Хатлон шутур, хачир, гӯсфанд, асп, гов, хар ҳаст; пахта мекоранд, ток мепарваранд, газвори пашмин мебофанд. Сарулибоси мардум аз газвори пахтагин ҳам мешавад, бисёриҳо пӯстин мепӯшанд. Сару рӯйи мардон тарошида, занон кокулдароз. Подшоҳ, аъёну ашроф ва мардум пайрави тариқати хиноёнии мазҳаби буддой мебошанд, дайру роҳибон бисёранд.

Дар Вахон подшоҳ заиф асту ба арабон дастнигар ва ҳар сол ба онҳо ба тариқи боҷ шоҳӣ медиҳад. Вахониён дар водиҳои кӯҳӣ дар кулбаҳои тангу торик ва дар ғорҳо зиндагӣ мекунанд. Аксари мардум қашшоқ аст. Пӯстину чакман мепӯшанд, сарулибоси подшоҳ шоҳию пахтагин. Забони мардум аз забони мардуми ноҳияҳои ҳамсоя фарқ дорад. Фақат нони танӯрӣ ва хӯроки хамирӣ мехӯранд. Ин сарзамин бениҳоят хунук аст, нисбат ба дигар ҷойҳо хеле хунуктар. Дар кӯҳҳо ягон гиёҳу набот нест. Гӯсфанду гов (зоти резаи ҷойдорӣ) ва аспу хачир ҳаст. Дар бораи эътиқоди мардум айнан ҳамон гапҳоеро мегӯяд, ки дар ҳаққи мардуми Хатлон гуфта буд.

Сайёҳ инчунин дар бораи «Нуҳ мулки Шигинон» (Шуғнон) хабар медиҳад. Дар яке он малике бо лашкари худ меистод. Малики Шуғнон ба шоҳи Вахон тобеъ аст. Иқлими мамлакат бениҳоят хунук буда, худи он дар мобайни кӯҳҳои пурбарф ҷой дорад. Гӯсфанд, асп, гов ва хар ҳаст. Шоҳ ва аъёну ашроф либосҳои пахтагин доранд, пӯстин мепӯшанд; мардуми одӣ аз пӯстак либос медӯзанд ва гоҳо чакман мепӯшанд. Забони онҳо аз забони мардуми атроф фарқ дорад. Дар Шигинон оини Буддо расм нест. Инчунин ривоят мекунанд, ки шоҳ барои тороҷи корвони тоҷирон дастаҳои махсус мефиристодааст.[67]

## Таърихи сиёсӣ

Мо дар боло нақл карда будем, ки дар аҳди Туншаху (вафоташ соли 630) хоқонии ғарбии турк Тахористонро забт намуд. Сюан-сзан, ки андаке баъди ин воқеаҳо ба ин ҷойҳо омадааст, волии туркҳоро дид.[68] Мувофиқи хабари маъхазҳои арабию форсӣ волии ин ҷо унвони ҷабӯя ё ҷабғӯяро дошт, ки он ябғу[69] аст. Таърихи мулкҳои ҳайати Тахористонро маъхазҳо беандоза мухтасар баён мекунанд.

Яке аз мулкҳои пуриқтидори Тахористон Хатлон буд.[70] Дар ин мулк, ба ҳар ҳол дар ҳудуди асрҳои VII–VIII, оли маҳаллие ҳукм мерондааст ва яке аз намояндагони он шоҳи Хатлон буд, ки номашро Табарӣ Ассабол[71] гуфтааст. Шояд ин ном муарраби ҳамон номи туркиест, ки дар дигар маъхазҳо Шаболо омадааст.[72] Хой Чао, ки дар аҳди Ассабол ба Осиёи Миёна сафар карда буд, рӯирост менависад, ки шоҳи Хатлон аслан аз туркҳо буд.[73] Ассабол аз охири асри VII то ибтидои солҳои 30-юми асри VIII Хатлонро идора мекард.

---

[67] Дар ҳамон ҷо, S. 452–453.
[68] «The life of Hsuan-Tsang», 1959, p. 48–49.
[69] Marquart J., 1901, S. 69.
[70] Ставиский Б. Я-, 1957, б. 89.
[71] Табарӣ, II, 1040 ва мобаъд; 1152 ва мобаъд; 1583.
[72] Marquart J., 1901, S. 303.
[73] Fuchs W., 1938,S. 452.

Маъхазҳои араб ӯро малик меноманд. Варосати тахт тартиби махсус дошт. Табарӣ аз забони Ассабол мегӯяд, ки тартиби варосати тахтро риоя кардан зарур будааст.[74]

Аз афти кор, вай аслан турк (ё туркшуда) бошад ҳам, намояндагони он унвони эронӣ – «Хатлоншоҳ» ё «Шери Хатлон»-ро доштанд, дар маъхазҳои арабӣ онҳо одатан малик номида мешаванд.[75] Дар айни ҳол онҳо мутеи ҳокимони умумитахористонӣ буданд. Дар як зиёфати волии араб – Қутайба ибни Муслим ҳокими умумитахористонӣ ва чанд ҳокимони мартабаашон пасттар, аз ҷумла, Ассабол иштирок доштанд. Ин ҳокимон ҳокими умумитахористониро дида гуфтаанд: «Агарчанде вай душмани ман аст, вале меҳтар аз ман. Вай малик асту ман бандаи вай».[76]

Маъхазҳои аввали асри VIII хабар медиҳанд, ки подшоҳи Хатлон 50 ҳазор лашкар таҳия карда метавонад (мисли ҳокимони Шумон, Қубодиён, Шуғнон, Вахон барин мулкҳо) [77].

Таърихи подшоҳони минбаъдаи Хатлонро И.Маркварт ва алалхусус, муфассал А.М.Беленитский ва О.И.Смирнова тадкиқ кардаанд.[78] Ба зикри батафсили ҷузъиёти таърихи оли Хатлон ҳоҷат нест, зеро то ба ҳол мадракоти маъхазҳои гуногунзабон ба ҳам мувофиқ карда нашудаанд.

Дар бораи таърихи дигар мулкҳо ҳам маълумот ҳаст. Катибаи дар боло зикршудаи Афросиёб, ки ба Самарқанд омадани ҳайати сафоратро хабар медиҳад, хеле ҷолиби диққат мебошад. Сафир мегӯяд, ки аз Тӯронтош – «шоҳи Чағониён» омадааст. Муҳаққиқи суратҳои рӯйи девори Афросиёб В.А.Лившитс тахмин мекунад, ки ин тасвирот на сурати ҳуҷҷатии таърихи расмии шоҳони Суғд, балки инъикоси сюжети фолклорӣ мебошад. Модоме чунин бошад, катиба он гуна маъхазе нест, ки воқеаро аниқ тасвир намояд. Вале ҳамин ҳам бошад, аз ин катиба шамоли он воқеаҳои реалие меояд, ки эҳтимол, дар нимаи дувуми асри VII ба вуқӯъ омада буданд.

Пас аз он ки мо ин ақидаи худро изҳор намудем, муҳаққиқи суратҳои Афросиёб Л.И.Албаум онро гарму ҷӯшон тарафдорӣ кард. Вай ба нашри русии китоби мо истинод карда, чунин навишт: «Баъди аниқ шудани катибаҳо ва пурра ҳафриёт шудани толор мо ба чунин хулоса омадем, ки мавзӯи суратҳо воқеаҳои муайяни таърихиро инъикос менамоянд. В.А.Лившитс ҳам баъдтар ба чунин хулоса омад».[79]

Маъхазҳо ишорат мекунанд, ки Ҳайтолиён Чағониёнро соҳиб буданд[80]. Дар ибтидои асри VIII, аниқтараш, соли 719 малики Чағониён Тиши Якчашма буд ва маъхазҳои арабӣ мегӯянд, ки худи ҳамин одам дар айни ҳол ябғуи Тахористон буд[81]. Аҷоибаш ҳамин, ки ин ном, бешак, эронӣ аст ва дар забони

---

[74] Табарӣ, II, с. 1618.
[75] Marquart J., 1901 S. 301; Chavannes E., 1903, p. 168, Беленитский А.М., 1950 а, с. 117.
[76] Муфассалтарин: Беленитский А.М., 1950 а, с. 112–113.
[77] Chavannes E., 1903, p. 200-201; О.И. Смирнова (1969, с. 218) барғалат «панҷсад ҳазор» навиштааст.
[78] Marquart J., 1901; Беленитский А.М., 1950 а; Смирнова О.И., 1969.
[79] Албаум Л.И., 1975, с. 55–56.
[80] Chavannes E., 1903, p. 223.
[81] Дар ҳамон ҷо, p. 226–227.

бохтарӣ ситораи Сириус чунин ном дошт[82]. Унвони маликҳои Чағониён «Чағонхудот» буд [83].

Гуфтан мумкин не, ки Тахористон, умуман давлати мутамарказ буд, зеро дар сари ҳар як мулк ё ҳоким ё малике менишаст ва аниқтараш Тахористонро иттиҳоди давлатҳои қариб соҳибихтиёр номидан дурусттар мебуд. Аз дараҷаи соҳибихтиёрии онҳо ҳамин низ шаҳодат медиҳад, ки онҳо ҳам ба мамлакатҳои ҳамсоя ва ҳам ба мамлакатҳои дуртарин ҳайати сафорат мефиристоданд.

Дар бораи сохти дохилии ин давлатҳо амалан ягон маълумот нест. Дар қиёси Суғд тахмин кардан мумкин, ки дар Тахористон ҳам идораи мукаммали маъмурӣ вуҷуд дошт. Дар катибаи суғдии Афросиёб унвони сафири Чағониён «дабирпат» (дабири котибон) навишта шудааст. Вале аз эҳтимол дур нест, ки сафир, дар ҳақиқат, соҳиби мансаби баландтар, масалан, соҳиби мансаби вазирӣ бошад.[84]

## Обёрӣ. Хоҷагии қишлоқ

Аз афти кор, аксарияти мардуми Тахористон машғули зироат буд. Дар ривояти Сон Юн (ниг. ба боло) ба вуҷуди обёрӣ ишорате ҳаст. Албатта, дар водӣ шабакаи мукаммали обёрӣ буд: дар ноҳияҳои баландтар лалмикорӣ мекарданд. Ҳафриёти археологӣ имкон доданд, тасаввур шавад, ки дар таҳияи шабакаи обёрӣ чӣ қадар меҳнати зиёд сарф мешудааст. Мувофиқи кашфиёти Т.И.Зеймал, дар давраҳои қадим ва дар асрҳои миёна чор канали магистралӣ кофта шудааст, ки аз Вахш об мегирифтанд. Дар замоне, ки мавриди диди мост, канали Кофир аҳамияти махсус дошт.

Боқимондаи ин канал дар соҳили чапи Вахш, 2,5 км ғарбтари посёлкаи ҳозираи Калининобод, падид омад. Канал аз Вахш сар шуда, то як масофаи муайян оби худро ба ҷое тақсим накарда ҷорӣ мешуду то ба деҳаи Мардот мерасид (заминҳои совхози ба номи Кирови ноҳияи Қӯрғонтеппа) ва аз он ҷо таг-таги теппаҳои канории водӣ ба ҷануб тоб мехӯрд. Дар ин ҷо маҷмӯи ёдгориҳо (иборат аз 16 объект) ёфт шуд. Маркази ин маҷмӯи ёдгориҳо димнаи Чоргултеппа мебошад, ки дар ибтидои асрҳои миёна шаҳри қалъабанди мустаҳкаме буд ва андаке дуртар аз он дайри буддоии Аҷинатеппа ҷой дошт. Канал боз ҷанубтар рафта аз паҳлуи фалоти Оқғозӣ гузашта меравад. Аз ин ҳам ҷанубтар канал ба пасту баландии маҳал мутобиқ шуда, ба ғарб тоб мехӯраду ба тарафи теппаи Қизилтумшуқ ҷорӣ мешавад. Дар ин ҷо боқимондаи бошишгоҳҳои калон ёфт шуд, ки дар ибтидои асрҳои миёна вуҷуд дошт. Баландии девораҳои канал 1,5–2 м, бари маҷроаш то 6 м, махсусан намуди канал, ки дар 4–5 км ҷанубу ғарбтари Бешкаппа зоҳир аст, ҳайратангез мебошад. Дар ин маҳал канал бояд аз пастхамӣ мегузашт. Инак, бинокорон дар ин пастхамӣ аввал дарғоти азиме бардоштанду баъд аз болои он канал гузаронданд. Баландии ин дарғот қариб 8 м, бари таҳкурсии он то 50 м ва бари маҷрои канал, ки аз болои он мегузашт, 13–15 м буд. Ҳатто дар айёми мо ин гуна иншоот касро моту мабҳут мекунад. Баъди ин канал боз ба ҷануб ҷорӣ

[82] Лившитс В.А., 1962 б, с. 40, эзоҳи 75.
[83] Marquart J., 1901,S. 226.
[84]Лившитс В.А., 1965 б.

шуда, замини бисёр маҳалҳоро шодоб менамуду то ба атрофи ноҳияи Қумсангири ҳозира мерасид ва ба ҳамин тариқ, қисми асосии водии Вахшро бурида мегузашт.

Ду хусусияти ин каналро махсус таъкид кардан даркор: якум, канал аз ҷойҳои болотари доманаи теппаҳо мегузашт ва нисбат ба сатҳи водӣ болотар меистоду имкон медод, ки оби канал бо ҷӯйборҳо ба тарафи дилхоҳ худаш ҷорӣ шуда равад. Дувум, бинокорони қадим роҳи каналро чунон муайян кардаанд, ки боварии кас намеояд. Роҳи канали ҳозира, ки инженеру ирригаторҳои баландихтисос бо ёрии аэрофотосуратгирӣ ва асбобу афзори ниҳоят дақиққору мукаммалтарини ҳозиразамони геодезӣ муайян кардаанд, аз рӯйи самти худ ба самти роҳи канали қадима қариб ё комилан мувофиқ меояд.[85]

Ба ҳамин тариқ, ҳанӯз дар давраҳои қадим барои муайян кардани самти дурусти Кофирканал барин иншоотҳои мураккаби калон тарзу усулҳои махсусу пурсамари кор вуҷуд дошт.

Киштукор бо асбобу афзори ниҳоят сода анҷом дода мешуд. Заминро бо омочи позадор меронданд ва дар Аҷинатеппа позаи оҳанӣ ёфт шудааст. Дигар аслиҳаи зироаткорӣ белу каланд буд. Пораи доси оҳанин дар Мунҷиктеппа ба даст омад (ноҳияи Шаҳритуз). Гандумро дар дастос ва ҳованҳо орд мекарданд ва бисёр ҳовану дастосҳои хурду калон ёфт шуданд (ҳангоми ҳафриёти археологӣ дар поёноби Кофарниҳон, дар водии Вахшу Сурхондарё). Чунончи, дар дигар ҷойҳои Осиёи Миёна дар ин ҷо ҳам осиёб бояд бисёр бошад.

Дар бораи анвои зироат мо мадраки муфассал дорем. Дар даштҳо ғалла мекиштанд, лӯбиё мекориданд. Махсус таъкид карда мешавад, ки сифати пахтаи ин ҷо хеле хуб аст (дар омади гап, эҳтимол дар ин маврид сифат ба газворҳои пахта нисбат дошта бошад). Дар ин сарзамин токзор бисёр буд, як миқдор шолӣ ҳам корида мешуд.[86]

Ривоят ҳаст, ки соли 677 ябғуи турк ангури навъи махсуси донаҳояш дароз-дарози чилликмонанд фиристода буд[87] (шояд аз Тахористон бошад?). Аз Тахористон, инчунин бисёр гиёҳҳои нодири доруӣ меоварданд.[88]

Мадракоти археологӣ маълумоти маъхазҳои хаттиро тасдиқ менамоянд. Бисёр будани ҳовану дастос далолат мекунад, ки вазни қиёсии кишти ғалла хеле зиёд буд. Дар Балаликтеппа (дар қарибии деҳаи Анҳори вилояти Сурхондарёи РСС Ӯзбекистон) мавиз ёфт шуд. Ғайр аз ин дар ин ҷо донаҳои гандум, арзан, мош, донакҳои шафтолу, зардолу, олу, тухми ангур, харбуза, тарбуз, пӯстлохи чормағз, писта, бодом, ғӯза ба даст омад.[89]

Аспҳои Тахористон хеле машҳур буд. Аз афти кор, якчанд зоти асп буд – аспҳои резаҷусса, вале ниҳоят пурбардошти кӯҳӣ, ки масофаҳои зиёдро тай карда метавонистанд, инчунин зоти аспҳое, ки махсус барои ҷойҳои ҳамвор мувофиқ буданд. Дар бораи асп достонҳо мегуфтанд; ҳатто ба як навъ аспҳои

---

[85] Дар бораи тавсифи муфассали канали Кофир ва ёдгориҳои атрофи он ниг.: Зеймал Т.И., 1962; Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1964; Зеймал Т.И.,1971, с. 39-47.
[86] Ҳанӯз Страбон (XV, I, 8) қайд кардааст, ки дар Бохтар шолӣ мекоранд.
[87] Schafer E.H., 1963, p. 142.
[88] Бичурин, II, с. 321.
[89] Албаум Л.И., 1960, с. 67–68, 101.

осмонӣ эътиқод ҳам буд ва ин аспҳо саравлоди ҳамаи аспҳое будаанд, ки дар айёми ровиён вуҷуд доштанд.

Ғайр аз асп шутурҳо ҳам номбар шудаанд. Барои боркашӣ хачиру аспу[90] харро истифода мебурданд. Дар сарзамин подаҳои сершумори гову рамаҳои гӯсфандон буд, ки ба ин на фақат бевосита худи Хой Чао ишорат кардааст, балки ахбори зиёди сарчашмаҳо оид ба сарулибоси пашмӣ ва қолинҳои пашмӣ далели ин аст.

## Ҳунармандӣ ва тиҷорат

Дар Тахористон конковӣ хеле ривоҷ дошт. Аз рӯйи хабари сайёҳон ва маълумоти содироти ин ё он мол[91] мо медонем, ки дар ин сарзамин сангҳои қиматбаҳо ва аз афти кор, пеш аз ҳама, лаъли машҳури Бадахшон, инчунин лоҷуворд ва дигар хел сангҳои нимқиматбаҳо ва қиматбаҳо истихроҷ мешуд. Сон Юн навиштааст, ки дар Тахористон сангҳои қиматбаҳо шумор надорад. Санги та-пао истихроҷ мешуд, ки онро ақиқи сӯхта[92] тарҷума мекунанд, вале Шефер дуруст мегӯяд, ки ин ақиқи сӯхта не, балки «корнелиан» ном сангест ва аз ин санг ашёи зиёд низ сохта мешуд. Инчунин намак ҳам истеҳсол мекарданд[93]. Аз намаксанг баъзе асбобу анҷом месохтанд. Масалан, дар Балаликтеппа ҳайкалчаи шутур ба даст омад, ки аз як пора намаксанги гулобӣ тарошида шудааст. Намак, эҳтимол, чизи муқаддас ҳам ҳисоб мешуд, ба ҳар ҳол, нисбат ба Эрони сосонӣ дар ин бобат ҷойи шубҳа нест, зеро дар маросими қасами ботантанаи шоҳони сосонӣ намак чун рамзи садоқат кор фармуда мешуд. Л.И.Албаум қайд кардааст, ки мувофиқи хабари сарчашмаҳои хаттӣ дар маслаки халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, Ҳайтолиён намак, эҳтимол, чун як чизи рамзӣ эътибор дошт.[94]

Гарчанде мадракоти бевосита набошад ҳам, дар асоси маҷмӯи маълумотҳо роҷеъ ба Тахористон гуфтан мумкин, ки дар ин ҷо аз тилло сар карда[95] (барои сохтани ашёи заргарӣ, зинату ороиши ҳайкалу муҷассамаҳо ва ғ.), то оҳан (барои сохтани асбобу анҷоми меҳнату рӯзгор, яроқу аслиҳа, зиреҳу ҷавшан) маъданиёти гуногун истихроҷ мешуд. Маълум, ки корхонаву устохонаҳои гуногуни оҳангарӣ дар амал буданд. Дар он айёми пур аз ҷангу ҷидолҳои нотамоми беохир дар ҳунармандӣ яроқу аслиҳасозӣ мақоми муҳим дошт ва истеҳсоли он хеле равнақу ривоҷ ёфта буд. Аз маъхазҳои хаттӣ воқиф мешавем, ки дар асрҳои V–VII аҳли Тахористон бо камон, найза, жӯпин, гурз ва шамшер мусаллаҳ будаанд. Тани сарбозонро «зиреҳи балхӣ» ном зиреҳи баландсифати бофта муҳофизат мекардааст.

Материалҳои археологӣ ва иконографӣ имкон медиҳад, ки ин маълумот камубеш тафсил дода шавад. Тахориёни ҷанговар ғайр аз камони муқаррарӣ

---

[90] Дар бораи истилоҳоти ин соҳа ниг.: schaftr E.H., 1963, p. 76.
[91] Schafer E.H., 1963, p. 222, 230–235.
[92] Бичурин, II, c. 321.
[93] Дар ҳамон ҷо, c. 326; Chavannes E., 1903, p. 167.
[94] Албаум Л.И., 1960, c. 79–81.
[95] Ҳайати сафорати Тахористон ба як ҳокими аҷнабӣ, ҳатто «либоси тиллоӣ» инъом кардааст (соли 682) -Schafer E.H., 1963, p. 197.

камони мураккаб доштанд.[96] Тиру камон пайкони вазнини оҳанини сепарра дошту баъзан неши он ба ду тақсим мешуд. Инчунин пайконҳои калони сепаррае низ буданд, ки дар нӯги найза шинонда мешуданд.[97] Аз рӯйи расми тахористонии деворҳо маълум, ки мардон дар камар ханҷаре ҳамоил кардаанд. Ғилофи ханҷар баъзан бо пулакчаҳои тиллоӣ хотамкорӣ шудааст. Аъёну ашроф низ шамшер гирифта мегаштанд, вале чӣ гуна будани он маълум нест.

Дар маишати аъёну ашроф ҷому қадаҳҳои тиллоию нуқра бисёр истифода мешуд. Шакли ин ҷому қадаҳҳо бағоят нафису нозук буда, баъзеи онҳо пояи дарозу борики пурнақшу нигори серпечутоб ё таги суфтаву сайқалии хурде доштанд ва танаи худи он ҷому қадаҳҳо пур аз раххои амудӣ мебошад (қадаҳҳои рах-рах ном гирифтани онҳо аз ҳамин ҷост), лаби онҳоро бошад, ҳошияву лаблӯлаҳои мудаввар зинат медод. Шакли баъзеи онҳо ниҳоят мураккаб мешуду нақшҳои кандакории зиёде дошт.

Дар гардани одамоне, ки дар рӯйи девори Балаликтеппа тасвир шудаанд, шаддаҳое менамоянд, ки аз тангаҳо таркиб ёфтаанд, дар дасти онҳо дастпона ва дар ангуштон ангуштаринҳо ба назар мерасанд. Дар гӯши одамони рӯйи сурати девори Балаликтеппа ва дар гӯши аъёну ашрофи Аҷинатеппа гӯшвораҳои мураккаб ҳаст. Археологҳо дар айни ҳафриёт ангуштаринҳои оҳанин ё хотамкоришуда, дастпонаҳо ва дигар ашёи зебу ороиш меёбанд.[98] Инчунин асбобҳои хеле дилкашу хушнамои мисин ҳам буданд – масалан, ин гуна машрабаҳои мисин дар Балаликтеппа ёфт шудааст ва дар рӯйи онҳо нақшҳои басо реалистонаи филҳо менамояд.[99]

Мо инчунин аз маҳсулоти ниҳоят хушсифату олиҷанобӣ заргарони Тахористон воқиф ҳастем. Масалан, дар нимаи дувуми асри VII онҳо «аз ақиқи сӯхта (ё худ аз корнелиан) ба шакли дарахт ду қандил сохтаанд, ки баландии ҳар яки онҳо қариб 1 м буд».[100]

Дар Тахористон шишагарӣ хеле равнақ дошт. Ба ин даъво ҳамин як воқеа далел аст, ки шишагарони Осиёи Миёна ба хитоиён тайёр кардани шишаи рангаро ёд доданд (дар Хитой шишагарӣ дар давраҳои қадим пайдо шуда бошад ҳам, дараҷаи тараққиёти он хеле паст буд). Солномаи хитоӣ хабар медиҳад, ки соли 424 аз кишвари йуҷиҳои кабир, яъне аз Тахористон ба Хитой тоҷирону ҳунармандон омаданд. Онҳо гуфтанд, ки «аз санг шиша сохта метавонанд ва барои ин аз кӯҳ маъдан оварданд ва дар пойтахт онро гудохтанд. Баъди гудохтани он маъдан шишае пайдо шуд, ки аз шишаи мамлакатҳои ғарб хеле беҳтар буд» (шишаи мамлакатҳои ғарб гуфта, эҳтимол, шишае дар назар дошта шудааст, ки аз Сурия ва Искандария оварда мешуд ва беҳтарин шишаи дунёи қадим буд). Сипас, дар солнома навиштаанд, ки хитоиён санъати шишагариро аз устоёни Осиёи Миёна омӯхтанд. «Шишае, ки онҳо тайёр карданд, рахшону шаффоф буд, бинандаро дар ҳайрат мегузошт ва ҳама онро худоофарид мегуфтанд».[101] Вале хеле сонитар ҳам, дар ибтидои асри

---

[96] Дар бораи таҳаввулоти ин камон дар Осиёи Миёна ниг.: Литвинский Б.А.,1966 в/
[97] Литвинский Б.А., 1965, расми 8.
[98] Масалан, дар Мунҷиктеппа, ниг.: Манделштам А.М. ва Певзнер С.Б., 1959, саҳ 313
[99] Албаум ЛИ., 1960; Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И. 1968.
[100] Бичурин, II, с. 321. Тафсилоташро ниг.: Schafer E.H., 1963, p. 159.
[101] Бичурин, II, с. 265.

VIII аз Тахористон ба Хитой шишаҳои қирмизию зумуррадӣ мефиристонданд, ки боиси аҷобату ҳайрати бинанда мегардид.[102]

Дар Балаликтеппа намунаи ҳайратангези санъати шишагарӣ ба даст омад. Ин тӯмори шишагини сабзтоби гирдаест, ки бо усули рехтагарӣ сохта шудааст. Дар рӯйи он зане тасвир ёфтааст, ки кӯдакашро сина медиҳад. Тӯмор чанбараки тунуки нуқрагин дорад. [103] Зарфҳои шишагини хурдакак – одатан, шишачаҳои тангдаҳон бисёр дучор мешаванд. Танаи ин гуна шишачаҳо рахи (ё тасмаи) мавҷшакл дорад ва ин раху тасмаҳо аз шишаи рангаш дигар буда, об карда, ба танаи шишачаҳо часпондаанд. Инчунин шаддаҳои шишагин истеҳсол карда мешуд.

Ҳунари бофандагӣ ҳам ба дараҷаи камолот расида буд. Маъхазҳои хаттӣ газворҳои пашмию пахтагӣ ва сарулибоси аъёну ашрофро зикр кардаанд, ки хеле мураккаб дӯхта мешуданд. Аз Хатлон шоҳии хушсифати гуногунранг меовардаанд.[104]

Маводҳои археологӣ ва иконографӣ имкон медиҳанд, ки ин тавсифот хеле васеъ карда шавад. Дар Балаликтеппа се хел матоъ ёфт шуд – газвори пашмини рах-рах (раҳҳои зарду сурх), газвори пашмини гулдор (гулаш кабуди такаш зард) ва газвори шоҳӣ (ранги кабуд ё сабз)[105]. Ягон шакке нест, ки ин газворҳои пашмин (ё пахтагин) дар худи Тахористон истеҳсол карда мешуд. Барои исботи ин даъво ақаллан ҳамин як фактро овардан кофӣ будагист, ки дар байни осори Тахористон урчуқи (сафолӣ ё сангӣ) бисёр ба даст омад, ки дар танаи дук шинонда мешуд. Бо ёрии ҳамин олоти одӣ ресмон ресида мешуд (то он даме, ки газворҳои фабрикӣ газворҳои дастбофро тамоман танг карда набароварданд, ин усули ресмонресӣ дар ҷойҳои гуногуни Тоҷикистон то давраҳои навтарин вуҷуд дошт). Маълум, ки модоме ресмон мересиданд, пас дастгоҳҳои бофандагӣ низ буданд, ки ба воситаи онҳо газворҳои пашмину пахтагин мебофтанд.

Дар масъалаи матои абрешим бояд ҳаминро гуфт, ки пештар мавҷуд будани онро бечунучаро ба содироти Хитой вобаста мекарданд. Навтарин бозёфтҳои археологӣ далолат мекунанд, ки кирмакдорӣ ва шоҳибофӣ дар ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Миёна пурра азхуд шуда буд. Дар боби ҳунармандии Суғд дар ин бора таваққуф хоҳем кард. Алҳол фақат хотирнишон менамоем, ки дар қасри Зангхона (вилояти Сурхондарё) дар қабатҳои асрҳои V–VIII пилла ёфт шудааст.[106]

Аз рӯйи суратҳои рӯйи девори Балаликтеппа аён, ки бойҳои тахорӣ сарулибоси бодабдабаи гуногунранги хушдӯхт мепӯшиданд. Гули матоъ, ки бағоят кам такрор мешавад, баъзан тамоми вусъати матоъро фаро мегирад. Дар байни ин гулҳо гулҳои муқаррарии ҳандасӣ (яъне қатори маинчаҳои якранг), гулҳои наботӣ (себаргаву сербарга) ва ғ. ҳастанд. Баъзан тамоми рӯйи матоъро тасвири рамзии моҳӣ, шохи оҳу ва ғ. пӯшидааст. Нақши рӯйи матое ҷолиби диққат мебошад, ки иборат аз чанд доираи андарҳамаст ва дар мобайн

[102] Бичурин, II, 1950 б, с. 322; инчунин ниг.: Schafer E.H., 1963, p. 235–236.
[103] Албаум Л.И., 1960, с. 76–78.
[104] Schafer E.H., 1963, p. 202.
[105] Албаум Л.И., 1960, с. 101–103.
[106] Албаум Л.И., 1963, с. 81.

сурати кадом як махлуқи афсонавӣ менамояд, ки забонашро баровварда истодаасту дандонҳои ашки вай намоён аст. Рӯйи дигари матоъ пур аз доираҳои пайваста буда, андаруни ҳар яки он суроби як паҳлуи сари марде нақш ёфтааст. Аҷоибаш ҳамин, ки сарулибоси хизматгороне, ки дар ҳамин суратҳо тасвир ёфтаанд, аз матои якранги бегул дӯхта шудааст.



**Намунае аз нақши матои тахорӣ**

Дар тани мардоне, ки дар сурати рӯйи девори Балаликтеппа кашида шудаанд, яктаҳи борику дарозе ҳаст, ки гиребони секунҷаи тарафи рости он хеле калон буда, чаппа шуда истодааст. Яктаҳ ба тан часпида истодааст ва аз миён бо тасмае баста шудааст. Занон дар бар китфпӯшаки васеи беостин, аз таги он яктаҳи остинвасеъ ва боз куртае доранд, ки фақат остини тангу борики он менамояд. Дар суратҳои рӯйи девори Аҷинатеппа мардоне, ки инъому туҳфаҳо овардаанд, дар бар яктаҳи борику шинами бегиребон доранд ва аз рӯйи миёнашон маҳкам бастаанд. Камарбанди онҳо хотамкорӣ аст – дар рӯйи он пулакчаҳои зард (яъне тилло) ва сиёҳ (шояд оҳанин бошанд?) менамоянд. Дар пойи ҳама маҳсӣ ҳаст. Ҳайкали бошукӯҳи кадом як бое, ки аз Аҷинатеппа ёфт шуд, дар бар яктаҳи шинами гиребонкушод дорад.[107]

---

[107] Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1968.

Хуллас, гуфтан мумкин, ки ҳунари бофандагӣ ба авҷи тараққиёт расида, беҳтарин намунаҳои маҳсулоти он ба дараҷаи асари ҳақиқии санъат расида буд ва зиёда аз ин, дар ҳунари дӯзандагӣ ҳам комёбиҳои беназир ба назар мерасанд.

Аз дигар касбҳо, пеш аз ҳама, кулолиро ном бурдан даркор. Гарчанде сафололоти асри V–VIII аз бисёр ҷиҳатҳо ба дараҷаи сифати сафололоти Кушониён нарасад ҳам, истеҳсолоти сафололот ақиб гуфтан хатои калон мебуд. Сафололоти зиёде истеҳсол карда мешуд – аз ҷинчароғҳои нӯгборики ниҳоят хурдакаки сафолӣ сар карда (дар як худи Аҷинатеппа зиёда аз 350 дона ин гуна ҷинчароғҳо ёфт шудаанд), то хумҳои ниҳоят бузург сохта мешуд. Сифати зарфҳои ҳаррӯза ва идона хеле баланд буда, баъзеи онҳо шаклан ба зарфҳои металлӣ шабоҳат доштанд. Инчунин дигар касбҳо – чармгарӣ, дуредгарӣ, устухонтарошӣ,[108] дорусозӣ ва ғ. мавҷуд буданд.

Аз вусъати бениҳояти тиҷорат ҳамин чиз шаҳодат медиҳад, ки савдогарони тахорӣ ба кишварҳои дуртарин рафтуомад мекарданд.[109] Аз Тахористон, махсусан аз Хатлон, аспҳои хушзот ба фӯрӯш мерафт. Масалан, қайд шудааст, ки солҳои 681, 720, 748 (аз Тахористон) ва солҳои 729, 733, 746, 750 (аз Хатлон)[110] галаи ин гуна аспҳоро ба Хитой овардаанд. Инчунин миқдори зиёди сангҳои қиматбаҳо ба фурӯш мерафт, ки як қисми он ба шакли санги носуфта ва қисми дигари он ба шакли маснуоти тайёр содир карда мешуд. Ҳоҷат ба он нест, ки дар ин ҷо тамоми мадракоти маъхазҳоро зикр кунем. Фақат чанд сухан дар бораи лоҷуворд мегӯем. Дар давраҳои сонӣ ин санг дар Хитой бо номи «санги Хутан» маъмул буд ва дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна аз он барои аъёну ашроф ашёи зебу зинат хеле бисёр тайёр карда мешуд. Вале Хутан фақат ҷое буд, ки санги мазкурро аз ҳар куҷо меоварданду баъд аз ин ҷо ба дигар шаҳру мамлакатҳо мебурданд ва ё, аз афти кор, дар ҳамин ҷо сайқал ҳам медоданд, вале ҷойи истихроҷи он ба ҳар ҳол, худи Бадахшон буд.[111]

Аз Тахористон хеле навъҳои дору ҳам ба фурӯш мерафт – масалан, ҳаббҳое буданд, ки дар намуди ин ё он мева аз маъҷунҳои гуногун тайёр карда мешуданд, инчунин гиёҳҳои доруӣ ва малҳамҳое ба фурӯш мерафтанд, ки ба назари аҷнабиён «аҷоиб» менамуданд. Citragandha ном доруе бисёр ба фурӯш мерафт, ки аз чанд моддаи хушбӯй тайёр карда мешуд. Ин дору ҳангоми захми бадан ва шоридани хун беҳтарин даво будааст. Зӯрии ин дору хитоиёнро ба дараҷае моту мабҳут кард, ки дар байни онҳо чунин овоза ҳам паҳн шуд – агар дасту пойи кандашуда бо ин дору ба тан часпонда шавад, мисли пештарааш сиҳат шуда меравад.[112]

Мубодилаи тиҷории байни Тахористон ва дигар мулкҳои Осиёи Миёна низ хеле ҷоннок буд. Дар Аҷинатеппа тангаҳои суғдӣ ёфт шудааст. Ҷолиби диққат

---

[108] Масалан, ниг. шашхолеро, ки аз Мунҷиктеппа ёфта шуда буд (Манделштам А.М. ва Певзнер С.Б., 1958, с. 313, расми 22).

[109] Schafer E.H., 1963, p. 20.

[110] Дар ҳамон ҷо, p. 64, 269. Дар бораи аз Тахористон оварда шудани айғирҳо дар соли 720 ниг. дар ҳамон ҷо, p. 76.

[111] Schafer E.H., 1963, p. 230–234.

[112] Schafer E.H., 1963, p. 159, 183–184, 191.

мебошад, ки тангаҳои нимаи дувуми асри VII ва нимаи якуми асри VIII мисли тангаҳои суғдӣ сикка зада мешуданд.[113] Ёфт шудани миқдори зиёди тангаҳои мисин аз шимоли Тоҷикистон далолат мекунад, ки савдои дохилӣ, аз ҷумла, на фақат савдои умумӣ, балки савдои чакана ривоҷ ёфта, муомилоти пулӣ дар зиндагии рӯзмарра мустаҳкам ҷой гирифта буд.

## Бинокорӣ. Меъморӣ

Дар Тахористон бисёр шаҳрҳо, қасрҳои деҳқонон ва ибодатгоҳҳо ҳафриёт шудаанд. Ҳафриёте, ки дар Тирмиз шуд (солҳои 1936–1938 зери раҳбарии М. Е. Массон), маълумоти аниқи равшан надод, ки дар он давраҳо сохт ва баъзе унсурҳои ин шаҳри калонтарини Тахористон чӣ гуна буд. Баръакс, ҳафриёти ҷойҳои нисбатан хурдтар – масалан, қасрҳои Балаликтеппа, Зангтеппа, димнаи Кофирқалъа ва ғайра бештар натиҷа доданд.

Кофирқалъа дар ибтидои асрҳои миёна маркази водии Вахш буд ва онро Сюан-сзан ҳам зикр кардааст. Ин димнаи чоркунҷа, ки дар ноҳияи Колхозобод мебошад, 360Х360 м андоза дорад. Димна иборат аз шаҳристонест, ки пур аз дӯнгиюю пуштаҳо мебошад ва дар таги онҳо харобаи иморатҳо ниҳон аст. Дар кунҷи шимолу шарқии димна харобаи арк ҳаст. Суфаи чоркунҷаи болоии ин арк (60Х60 м) солҳои 1968–1970 хеле ҳафриёт карда шуд. Арк девори мустаҳкаме дошту дар гӯшаҳои девор бурҷҳои хиштӣ ва похсагӣ менамуд. Гунбазро ҳам бо қатори хишту похса бардоштанд. Беруни девори арк пур аз тоқчаҳои зина-зина ва дар мобайн як иншооти бурҷмонанде буд. Девор саросар тиркашҳои қалбакӣ дошт. Дар гӯшаи шимолу шарқии арк иморати бузурге ёфт шуд (20Х10 м), ки аз афти кор, толори қабул будааст. Таг-таги ин толор суфа бардоштаанд. Яке аз суфаҳои мобайнии девори паҳлуии хона нисбат ба дигар суфаҳо болотар буда, андак ба дарун ҳам рафтааст ва зоҳиран замоне дар болои ин суфа тахт меистоду дар он малик ва дар атрофаш муқаррабони вай менишастанд. Рӯ ба рӯйи ин тахтасуфаи баланд дигар тахтасуфаи пасттаре ҳаст, ки дар миёнҷои он оташдони азими маросимӣ боқӣ мондааст. Дар ин толор осори катибаҳо ба даст омад. Дар арк дигар биноҳои чоркунҷаю росткунҷа ҳастанд, ки бо нимсутунҳо зинат ёфтаанд ва бо долонҳо пайваст мебошанд. Осори суратҳои рӯйи девор ва нақшҳои рӯйи сафололот ба назар мерасанд. Дар яке аз гӯшаҳои арк маъбади хурдакаки буддоӣ ҳаст, ки аз як ҳуҷраи гунбаздор ва долони атрофи он иборат мебошад. Даруни девори ҳуҷра пур аз суратҳои Буддо аст. Ҳавлии болои арк камаш се маротиба аз нав сохта шудааст.

Шаҳри дигар, ки он пойтахт набуда, балки баръакс, як шаҳрчаи хурдакак аст, димнаи Қалъаи Кофарниҳон мебошад, ки дар 80 км ҷанубу ғарбии шаҳри Душанбе ва 0,8 км шимолтари деҳаи Эсамбой воқеъ гардидааст.[114]

Дар ин маҳал водии соҳили чапи дарё ниҳоят танг буда, баръакс, водии соҳили рост хеле васеъ (то 1 км) мебошад.

---

[113] Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1971, с. 15.

[114] Бо ҳафриёти он солҳои 1974–1976 Экспедитсияи муттаҳидаи Институти шарқшиносии АФ СССР ва Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониш машғул шудааст (сардораш Б.А. Литвинский).

Дар тарафи шарқ, тахминан 5–6 км дуртар аз димна аз самти шимол ба тарафи ҷануб қаторкӯҳи асосӣ тӯл кашидааст ва мутавозӣ ба қаторкӯҳ чанд қатор адирҳо низ ҳастанд, ки ҳар қадар ба дарё наздик бошанд, ҳамон қадар паст шуда, ниҳоят ба теппаю дунгиҳои пастакак табдил меёбанд, ки хушку холиву бедолу дарахтанд ва баъзе ҷойи онҳоро набототи нимбиёбонӣ фаро гирифта аст, фақат дар доманаи кӯҳ ва ёнаҳои он андак арчазор ва дар баъзе ҷойҳо чашмаҳо ҳастанд.

Дар болои яке аз ҳамин гуна теппаҳои соҳили дарё, ки зоҳиран ба мунчакӯҳи алоҳида мемонад, димнаи Қалъаи Кофарниҳон ҷой гирифтааст.

Димна аз ду қисм иборат – як қисми он аркест, ки аз манзилгоҳҳо бо хандақ ҷудо мебошад. Тарҳи худи манзилгоҳ чоркунҷаи тӯлонӣ буда, дар ҷануб танг шуда меравад. Андозаи он чунин аст: аз шимол ба ҷануб 275 м, аз шарқ ба ғарб 150 м ва 100 м (дар ҷануб якҷоя бо арк). Тарҳи арк панҷгӯша аст, андозааш 55Х30 м. Масоҳати димна қариб 3,5 га.

Аз шимоли димнаи Қалъаи Кофарниҳон сой мегузарад, ки аз он андак об ҷорӣ аст. Соҳилҳои сой серҷар, дар назди димна ҷарӣ то 20 м баландӣ дорад. Дар шарқи димна вайронаҳои деворе ҳаст, ки дар масофаи баробар дар болои он (дар ҳар 22–27,5 м) дунгичаҳое менамояд, ки замоне бурҷҳои девор буданд. Баландии бурҷҳо ва девори байни бурҷҳо нисбат ба сатҳи худи димна он қадар намоён нест (тақрибан 1–1,5 м баланд мебошанду бас). Фақат девори байни бурҷи охирини шимолӣ ва бурҷи паҳлуи он фарқ дорад, яъне он нисбат ба бурҷҳо 3,5 м пасттар мебошад. Ҳатто таъсири «мурури замон»-ро ҳам ба назар гирем (аз ин ҷо ҳозир ҳам роҳи калон мегузарад), ин ҷо аз аввал ҳам паст будааст. Зинаи бепоғундае, ки таг-таги девор тӯл кашида, аз ҷануб ба шимол баланд шуда меравад, маҳз дар ҳамин ҷо қатъ мегардад. Аз имкон берун нест, ки ин ҷо замоне дарвозаи асосӣ будааст.

Ин ҳам аз эҳтимол дур нест, ки ин дарвозаи дувуми (дарвозаи иловагии) девори кӯтоҳи ҷанубӣ мебошад, осори девори ғарбии рӯ ба дарё буда ба назар намерасад. Аз афти кор, онро борону барф шуста рафтааст.

Майдони шаҳристон пур аз дӯнгичаҳо мебошад ва он дӯнгичаҳои бо тартиби муайян ҷойгирифта шаҳодат медиҳанд, ки шаҳр аз рӯйи нақшаи пешакӣ сохта шуда буд. Дар шимол қад-қади майдони лаби ҷарӣ осори иморатҳое менамоянд, ки бари он 35 м аст ва зимнан дар гӯшаи шимолу шарқии ин майдон теппае ҳаст, ки аз шимол ба шарқ тӯл кашидааст.

Аз дарвозаи шарқӣ 30–35 м ғарбтар осори равшани кӯчае менамояд, ки мутавозӣ ба девори қалъа сӯйи ҷануб меравад. Бари ин кӯча 5–7 м, тӯлаш 115 м аст. Дар охир ин кӯча якбора тоб хӯрда, ба сӯйи ғарб меравад ва бо кӯчаи дигаре мепайвандад, ки бо канори ғарбии димна мутавозӣ ҷой гирифтааст. Бари ин кӯча андак тангтар менамояд, тӯлаш 135-140 м аст.

Ҳафриёти асосӣ дар худи шаҳристон гузаронда шуд.

Маълум гардид, ки ин ҳисор дар давраи Кушониён сохта шуда ва дар ҳамон давраҳо ин ҷо маркази калони Кушониён буда, дар аввалҳои асрҳои миёна ҳам вуҷуд доштааст.

Ба туфайли ҳафриёт дар қисми ҷанубии шаҳристон комплекси калони иморатҳои бошукӯҳ кашф шуд. Маркази комплекс толори қариб чоргӯша,

аниқтараш ромбшакл мебошад (андозааш 7,35х7,55 м), ки аз тарафи шимол даромадгоҳи равоқӣ дорад. Деворҳо ҳама похсагӣ буда, фақат 2–3,1 м он боқӣ мондааст. Таг-таги девор суфаи дуболо ҳаст, як ҷойи он – айнан рӯбарӯи дари даромад пеш баромада, як навъ «эстрада» барин шудааст. Дар мобайни хона дӯнгичаи лоии чоркунҷае ҳаст, ки аз бисёр алавмонӣ мағз андар мағз пухта рафтааст. Аз афти кор, ин оташдони муқаддас буду дар он доимо оташ дармегирифт. Шифти толор ба чор сутун такя мекард, деворҳои хонаро лавҳаҳои тахтагини мусаввари бошукӯҳ зинат медоданд. Ба касофати сӯхтор як қисми чӯбҳои иморат ва лавҳаҳои мусаввари тахтагин нобуд шудаанд. Се тарафи толори асосӣ – ҷанубӣ, ғарбӣ ва шимолӣ долон дорад (зоҳиран, аслан дар шарқ ҳам долон будааст), ки гирдогирди биноро фаро гирифтаанд ва хеле баъдтар баъзе қисмҳои онро вайрон карда, ба тарзи дигар сохтаанд. Дар хамгашти шимолӣ ва ғарбии долон як тӯдаи бетартиби чӯбҳои шифт ва пораҳои лавҳаи чӯбини мусаввар ёфт шуд, ки мазмуни онҳо нақши навдаи ток мебошад.

Кӯчаи танги шаҳр ин комплексро аз маъбади буддоии шаҳр, ки дар ҷануб воқеъ мебошад, ҷудо кардааст. Тарҳи умумии ин маъбад чунин мебошад: бинои марказӣ ибодатхонаест, ки ду дари рӯ ба якдигар ҷойгиршуда дорад ва аз берун се тарафи онро долоне печонида гирифтааст, тарафи чоруми он, яъне тарафи яке аз дарҳо долон не, балки айвони чорсутуна дорад. Аз ҳамон қисми долон, ки дар тарафи дигари бино рост ба муқобили айвон ҷой гирифтааст, гузаргоҳе менамояд, ки ба ҳуҷраи хурдакаке мебарад ва он дар як тарафи меҳвари шартие, ки дарҳоро мепайвандад, воқеъ гардидааст, гузаргоҳи дигар аз они иморатҳои берун аст (он ду биноест, ки бо долони дароз ба ҳамдигар пайваст шудаанд). Дар пеши айвон ҳавлии калони гирдогирд девордоре ҳаст, ки алҳол фақат як қисми ғарбии он тадқиқ шудааст.

Тарҳи дарунии ибодатхонаро чоркунҷа гуфтан ҳам мумкин (тарафҳояш 4,65х4,45 ва масофаи як кунҷ то кунҷи муқобили он 6,8 ва 5,68 м). Ғафсии деворҳои ибодатхона 1,2–1,25 м ва худи ибодатхона аз берун ҳам чоркунҷа менамояд ва андозаи он 7Х7,4 м аст. Тарафи беруни деворҳо рост не, балки хеле ба дарун уреб сохта шудаанд. Дар мобайни ду девори мутақобил ду равоқ ҳаст (бари равоқи тарафи дарун 1,8 м, бари равоқи тарафи айвон 1,68 м). Дар девори ҷанубӣ ҳам гузаргоҳ будааст, ки сонитар дар мағзи он ду пояи ҳайкал устувор кардаанд (аз тарафи худи ибодатгоҳ ва тарафи долон) ва дар он пояҳо ду ҳайкали Буддои нишастаро устувор кардаанд, ки онҳо гӯё пушт ба ҳамдигар менишастанд ва байни онҳо як деворчаи тунук буду бас. Девори муқобил, яъне девори тарафи шимолӣ ҳозир тамоман хароб аст, вале шубҳае нест, ки он ҳам гузаргоҳ дошт. Дар мобайни ибодатгоҳ пояи дуболои панҷгӯша ҳаст. Ин гуна пояҳо дар чор кунҷи бино ҳам ёфт шуд ва дар ҳамаи онҳо ҳайкалҳои барқад буданд. Ғайр аз ҳайкалҳои маъбад нақшу нигори аҷибе ҳам дошт.

Дар ин димна ғайр аз иншооти мазкур ҳавлии кадом як ашроф ва гузари косибон низ ҳафриёт карда шуд.

Ба туфайли ҳамин навъ ҳафриёт таърихи иморати Балаликтеппа ошкор шуд. Таги иморат теппаи дастисохти баланд мебошад (андозааш 30Х30 м бо баландиаш 6 м). Дар атрофи ин таҳкурсӣ девори ғафсу мустаҳкаме сохтаанд, ки баландии он аз сатҳи худи таҳкурсӣ андаке болотар аст. Дар майдони ин

таҳкурсӣ чанд иморат бино кардаанд. Дар миёнҷо ҳавлии чоркунҷае ҳаст, ки гирдогирди он хонаҳои тангу борик мебошад. Ин хонаҳоро бо ҳамдигар ва бо ҳавлӣ долоне мепайвандад. Иморат барои мудофиа мос карда шуда буд – дар девори беруни ҳар як хона ду-се тиркаши борик ҳаст: ғайр аз ин дар яке аз гӯшаҳои девори ҳавлӣ бурҷе ҳаст, ки он ҳам тиркашҳо дорад. Мувофиқи тахмини муҳаққиқон, дарвозаи арк дар таги ҳамин бурҷ будааст ва ба дарун фақат бо кӯпруки болошаванда даромадан имкон дошт. Пас аз муддате тамоми қасрро аз нав сохтанд. Дар рӯйи ҳавлӣ чанд иморат карданд ва яке аз онҳо толори азими кабуд буд, ки таги-таги девори он қатор-қатор суфаҳо сохта шуд. Дар таги яке аз деворҳои ин толор суфаи гирдаи баланде ҳаст, ки аз афти кор, дар болои он оташи муқаддас меафрӯхтанд. Боми толор ҳамвор буд ва болорҳояш кандакорӣ шудааст, дар миёнҷои бом равзане буд, ки аз он равшанӣ медаромаду дуд мебаромад. Хоначаи дигари суфадор ҳам ҷолиби диққат аст. Девори даруни ин хона пур аз расмҳои олиҷаноб мебошад. Ин хона ҳам баъди фатарот шудан аз нав таъмир шуда будааст. Ба ақидаи Л.И. Албаум, ин хона дар асри V бино ёфта, дар охирҳои асри V ё аввали асри VI таъмир шудааст ва деворҳои он бо расмҳо оро ёфта ва худи Балаликтеппа дар чоряки аввали асри VII тамоман хароб шудаст.[115]

Дар наздикии Балаликтеппа дар худи ҳамон ноҳияи Анҳори вилояти Сурхондарё димна ва қасри Зангтеппа ҳаст. Атрофи ин димнаи на чандон калон девори мустаҳкаме дошт. Дар гӯшаи шимолу ғарбии димна қасри калон ёфт шуд. Ин қасри калони чоркунҷа (дарозии як тарафаш қариб 50 м) алҳол хароб шуда бошад ҳам, то баландии 20 м қомат афрохтаасту намуди бошукӯҳе дорад. Қасри мазкур дар болои иморатҳои асрҳои якуми милодӣ бино ёфтааст, яъне аввал он иморатҳоро вайрон карда, хеле шибба намудаанду теппае бардоштаанд ва дар болои ҳамин теппа қаср сохтаанд. Ин қаср истеҳкоми дастнорасе буд. Ҳар як гӯшаи он бурҷи баланди мустаҳкаме дошт. Саросари девори қаср аз тиркашҳо ва аз тоқчаҳо, ки андаруни онҳо ҳам тиркаш дошт, пур буд. Дар майдончаи боло чанд иморат ёфт шуд. Иморатҳои давраи аввал (асрҳои V – VI) ба иморатҳои Балаликтеппа монанд аст. Вале сонитар (асрҳои VI – VII) иморатҳо тамоман аз дигар сохта шуданд, аксари деворҳои хонаҳоро бардоштанд ва иморати нав аз иморатҳои Балаликтеппа ба куллӣ фарқ пайдо кард ва аз чанд иморатҳои алоҳидаи беробита иборат гардид. Дар қатори хонаҳои ташрифот инчунин хонаҳои истиқоматӣ, ошхонаҳо ва ғ. ҳастанд ва тамоми ин маҷмӯи иморатҳо бо ҳаёти деҳқон – феодал зич вобаста аст. Ба ин асбоби анҷоми рӯзгори ин қаср ҳам далолат мекунад. Дар ҳамин ҷо нодиртарин бозёфт – катибаи буддоии рӯйи пӯсти дарахт дастрас гардид.[116]

Ҳавлиҳои камбағалон низ ёфт шуданд, ки онҳо ҳам дар болои суфаҳои баланд сохта шудаанд. Ҳар як ҳавлӣ чанд кулбаи тангу хурде дошту бошишгоҳи як оила буд (масалан, чунин аст Чаёнтеппа, Тоштеппа ва ғ.). Ин манзили ҷамоати сернуфуси деҳот – манзили оилаи патриархалӣ буд. Инчунин

[115] Албаум Л.И., 1960, с. 114–125; Нилсен К.А., 1966, с. 154–163.
[116] Албаум Л.И., 1963; Нилсен В.А., 1966, с. 163–172.

бошишгоҳҳое дучор шуданд, ки як аҳли деҳот дар он ҷо зиндагӣ мекарданд – чунин аст Яхшибойтеппа.[117]

Намунаи иморати ибодат Аҷинатеппа ном маъбади буддоист, ки дар асрҳои VII ва аввали VIII сохта шуда, дар водии Вахш 12 км шарқтари Қӯрғонтеппа ҷой дорад. Ин обида на чандон калон аст (вусъаташ 100X50 м, алҳол баландиаш 6 м). Осор аз ду қисми чоркунҷа иборат мебошад. Қисми аввал ҳавлии чоркунҷаест, ки гирдогирд хонаҳои бисёр дорад. Дар мобайни ҳар як тараф иморате ҳаст, ки аз ду қисм иборат – аз толори чоркунҷа (дар тоқчаҳои яке аз онҳо муҷассамаҳо ёфт шуд) ва аз айвоне, ки рӯ ба ҳавлӣ мебошад. Байни айвонҳо долоне ҳаст, ки гӯшаи онҳоро ба ҳам мепайвандад ва бо рӯйи ҳавлӣ алоқаманд мекунад.

Дар миёнҷои ҳавлӣ ступае ҳаст: ступа иншооти калонест, ки шаклан махрутӣ буда, дар болои суфаи зинадор гузошта шудааст; дар болои ступа замоне сарпӯши нимдоира ва чанд чатр буд (ки онҳо боқӣ намондаанд). Суфаи ступа аз чор тараф чор зина дошт. Иморати атрофи ступа аз иморати дигар қисмҳои осор фарқи калон надорад. Дар ин ҷо низ ҳамон долонҳои васеи 16–17-метра ва ҳамон толорҳои айвондор ҳастанд. Вале ин толорҳо нисбат ба толорҳои қисми якуми осор андак хурд мебошанд. Дар долонҳо, дар тоқчаҳо ҳайкалҳои калони (аз қади одам баландтари) Буддо ёфт шуд; девору шифти хонаҳо ҳам аз расмҳои худи Буддо ва суратҳои дар мавзӯи дини буддоӣ кашидашуда пур аст. Дар яке аз долонҳо дар болои суфае Буддои хуфтаи дувоздаҳметра ёфт шуд, ки дар ҳолати нирвана мебошад. Боми иморатҳои долонмонанд боми муқаррарӣ ва боми хонаҳои хурдтари чоркунҷа гунбазӣ аст. Боми яке аз толорҳои калон чор сутун дошт, ки аз афти кор, чӯбин будаанд.

Шумораи зиёди ҳайкалҳои Буддо ва суратҳои бисёри он, худи сохти маъбад равшану возеҳ исбот мекунад, ки Аҷинатеппа дайри буддоист ва мувофиқи тамоми маҷмӯи мадракот, аз ҷумла, маълумоти тангаҳо, ба асри VII ва аввали асри VIII нисбат дорад. Осор аз ду қисм иборат аст, ки он қисмҳоро шартан қисми «дайрӣ» (масалан, дар ҳамин қисм хонаҳову ҳуҷраҳои роҳибон, толори тоату ибодат ва ғ. воқеъ буд) ва қисми «маъбадӣ» номидан мумкин ва ступаи марказӣ дар ҳамин ҷо, дар атрофи ступа ва дар долону толорҳо, ки пур аз ҳайкалу суратҳои Буддо буд, роҳибон ва диндорон тоату ибодат мекарданд.

Тарҳи хоси Аҷинатеппа: тамоми қисмҳои ин иморат аниқу дақиқ мутаносиб буда, асоси таносуби байни қисмҳои иншоот мавҷуд будани тарҳи чорайвон мебошад. Баъди ғалабаи дини ислом ҳам, яъне дар давраҳои асрҳои миёнаи мутараққӣ ҳам, дар баъзе иншоотҳои меъмории Осиёи Миёна тарҳи меъмории чорайвон ба назар мерасад, ки ин аз робитаи дайри буддоии сангхарама ва мадрасаи асримиёнагии Осиёи Миёна шаҳодат медиҳад.[118]

Ҳам иморати Қалъаи Кофарниҳон ва ҳам маъбади буддоии Кофирқалъа тарҳи муайяни мутамарказ доранд ва ин ҳолат чунин ақидаҳоро барбод медиҳад, ки гӯё иморатҳои динии тоисломӣ ин гуна тарҳ надоштаанд. Б.А.Литвинский таъкид карда буд, ки санъати меъмории буддоӣ дар

---

[117] Нилсен В.А., 1966, с. 173–179.
[118] Litvinsky B.A., 1968, p. 57–63, 64–73; Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1971.

ташаккули санъати меъмории мақбарасозии Осиёи Миёна аҳамияти ниҳоят калон дошт.[119] Қалъаи Кофарниҳон ва Кофирқалъа ин даъворо бори дигар тасдиқ карданд. Материалҳои навтарин исбот мекунанд, ки тамоми ҷузъиёти сохти меъмории мақбараҳои давраи исломии Осиёи Миёна – ҳам композитсияи меъмории он, ҳам сохту услуби он, ҳам зинату ороиши он дар давраҳои тоисломӣ ташаккул ёфта буданд. Тарҳи зоҳиран доирашакл ва дохилан чоркунҷаи мақбараҳо гӯё бо василаҳои меъморӣ тасаввуроти ҳиндуэронии аз чор унсур иборат будани оламро таҷассум менамоянд.

Мактаби меъмории Тахористон дар он даврае, ки мавриди тадқиқоти мо қарор гирифт, айнан ҳамон масолеҳи бинокорӣ ва усули меъмориро истифода мебурд, ки дар дигар вилоятҳои Осиёи Миёна кор фармуда мешуд, вале ҳаминро ҳам гуфтан лозим, ки он баъзе хусусиятҳои ба худ хос дошт. Масолеҳи асосии бинокорӣ похса ва хиштҳои калони нимметра буд. Хишти пухта хеле кам – фақат барои фарши хонаҳо ва пойсутунҳо истифода мешуд. Болои иморатҳои танг бо тарзи муқаррарии бомпӯшӣ, бе истифодаи харӣ, фақат ба воситаи болорҳо пӯшида мешуд. Барои бардоштани гунбазҳо худи ҳамон хишти чоркунҷа ба кор мерафт.

Боми баъзе хонаҳои чоркунҷа гунбазӣ буд. Дар баробари гунбазҳои одӣ, ки бевосита аз сари деворҳои хона бардошта мешуд (масалан, дар Мунҷиктеппаи Шаҳритуз), инчунин гунбазҳои мукаммалу мураккаб низ буданд, ки бевосита ба девори хона не, балки ба доираи махсуси таги гунбазӣ 'шинонда мешуданд. Худи гунбазро аз ду масолеҳ, ҳам аз похса ва ҳам хишт низ месохтанд (масалан, Кофирқалъаи Колхозобод).

Кодокҳои махсуси таги шифтро, ки бори бомро хеле сабук мекард, яке аз комёбиҳои калони санъати меъморӣ гуфтан мумкин аст (Аҷинатеппа). Чанд навъи равоқ истифода мешуд. Ба ҳамин тариқ, усули бомпӯшии он давра хеле гуногун ва мукаммал буд. Дар баробари усулҳои мазкури бомпӯшӣ, инчунин бомҳои муқаррарӣ низ буданд, ки ба сари деворҳо ё ба сутунҳо такя дода мешуданд. Хонаҳои ташрифоту зиёфат бо суратҳои аҷоиби рӯидевор, бо ҳайкалу муҷассамаҳо ва ҳаккокию кандакорӣ зебу оро дода мешуданд.[120]

## Санъати тасвирӣ

Санъати рассомӣ дар Балаликтеппа, Аҷинатеппа ва Қалъаи Кофарниҳон махсусан муфассал инъикос шудааст. Дар яке аз хонаҳои чоркунҷаи Балаликтеппа дар сатҳи девори кабудранги сиёҳча як силсила расмҳо кашида шудааст. Расм тасвири зиёфатест, ки дар он занону мардон иштирок доранд ва онҳо дар рӯйи қолинчаҳо нишастаанд ё якпаҳлӯ дароз кашидаанд. Ҳар як шахси дар расм тасвиршуда ба тарафи шахси дар паҳлуяш нишаста андак тоб хӯрда нигоҳ мекунад. Дар паси нишастагон хизматгорон менамоянд, ки онҳо нисбат ба нишастагон қариб ду баробар хурдтар кашида шудаанд. Зиёфат дар айни ҷӯшу хурӯш аст. Ба ақидаи Л.И.Албаум, ки ӯ ин осори олиҷанобро кашф кардааст, сурати Балаликтеппа тасвири «саҳнаи зиёфати динӣ мебошад. Вале

---

[119] Литвинский Б.А., Зеймал Т.И., 1971, с. 43–45.
[120] Нилсен В.А., 1966, Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1971.

азбаски дар маслаки ҷамъияти ибтидои асрҳои миёна дин бо маишат зич алоқаманд буд, ба ин сабаб сурати мазкурро маишӣ номидан ҳам мумкин аст».[121] Л.И.Албаум ин ақидаи худро бо чанд бурҳону далел исбот мекунад, вале онро комилан ба исбот расида ҳисоб кардан мумкин нест. Г.А.Пугаченкова[122] ва Б.А. Литвинский[123] дуруст мегӯянд, ки ин расм тасвири зиёфати муқаррарии аъёну ашроф аст ва ин гуна зиёфатҳо дар байни бойҳои он давра хеле маъмул буд. Албатта, минбаъд батафсил тавзеҳ додани ҳар як ҷузъиёти ин расм кори ниҳоят мураккаб аст. Г.А. Пугаченкова ҳаракат карда буд, ки расми мазкурро чун инъикоси яке аз лавҳаҳои «Шоҳнома» ба қалам диҳад. Вале ин кор ба назар гӯё ҳеҷ асос надорад. Аниқи гап бояд ҳамин бошад, ки расми мазкур инъикоси камубеш умумии базмест, ки дар қасри яке аз ҳокимон ё бойҳои маҳаллӣ барпо шуда буд.[124] Тасвироти Балаликтеппа хеле моҳирона анҷом дода шудааст. Рангубори равшану гӯёи расм пур аз нишоту тараби зиндагӣ мебошад. Дар расм баъзе унсурҳои шартӣ низ ба назар мерасанд, масалан, рӯ ба кадом тараф будани нишастагон бо ҳамдигар кам мувофиқат дорад, дар ваҷоҳати нишастагон аломати феълу хӯи онҳо дида намешавад, симои онҳо ягон эҳсосеро ифода наменамояд. Дар расм ҷиҳатҳои умқӣ ва ҳаҷмии манзара инъикос наёфтааст. В.А.Нилсен менависад, ки дар як симои барҷастаи расм тасвири идеалии ин ё он аъёну ашроф ҳаст. «Дар расми мазкур тавсифоти реалӣ нест ва он ба андозае шартӣ мебошад». Дар айни замон ҳар як ҷузъиёти сарулибос, ҳар як асбобу анҷоми нишастагон хеле бо ҳавсала, аниқу дақиқ кашида шудааст.

Л.И.Албаум робита ва аҳамияти сурати Балаликтеппаро тадқиқ кардааст. Инчунин, бояд қайд кард, ки ба ақидаи яке аз машҳуртарин донандагони санъати шарқ, олими хориҷӣ М.Буссали кашфиёти Балаликтеппа «ба таври баҳснопазир нишон дод, ки аллакай дар асрҳои V вилояти ғарбии олами Осиёи Миёна (вай Тахористонро чунин номидааст. – Б. Ғ.) ба сабку услуби навъи «эроникунанда» майл дошт ва ин сабку услуб ба санъати сосонӣ ё бегона аст ё ҳеҷ набошад, бо ҳуҷҷатҳои лозима ба таври равшан исбот нашудааст, ки ба санъати сосонӣ алоқаманд мебошад. Бинобар ин, мо бояд эътироф кунем, ки баъзе равияҳое, ки дар маркази Сериндия (Туркистони шарқӣ) инкишоф ёфтаанд, дар ҳақиқат, равияҳои эҷодии шарқиэрониро (яъне осиёимиёнагиро.– Б.Ғ.) такрор мекунанд». Ба Сериндия дохил шудани ин равияҳоро М.Буссали аз ривоҷи тиҷорат ва аз алоқаҳои иқтисодӣ медонад. Муҳаққиқ, аз тарафи дигар, қайд мекунад, ки санъати Балаликтеппа ба санъати Афғонистони марказӣ, аз ҷумла, ба санъати Бомиён таъсири зӯр расонд.[125] Ғайр аз ин маҳз санъати Балаликтеппа қадимтарин намунаи санъати тасвирии Осиёи Миёна мебошад. Сабку услубе, ки дар санъати Балаликтеппа ташаккул ёфт, дар санъати Панҷакент, Варахш ва дигар осори асри VII ва миёнаи асри VIII минбаъд ба камол расид.

---

[121] Албаум Л.И., 1960, с. 198; В.А. Нилсен дар бораи худи сурат ҳарфе назада, қатъиян даъво мекунад, ки дар ин хона фақат зиёфатҳои динӣ баргузор мегардид (Нилсен В.А., 1968, с.162).
[122] Пугаченкова Г.А., Ремпел Л.И., 1965, с. 137–138.
[123] Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1971.
[124] Ё худ саҳнаи пазироии меҳмонон дар қаср аст (Нилсен В.А., 1966, с. 284.
[125] Bussagli M., 1963, S. 36, 39.



**Сарбозони суғдӣ дар асрҳои VI-VIII**
**1 – аз рӯйи расмҳои девории Панҷакент**
**2 – Аз рӯйи расми табақи нуқра, ки аз деҳаи Қулоқиш ёфт шуда буд**

Суратҳои Аҷинатеппаро аз рӯйи сужет ба се тақсим кардан мумкин: суратҳои Буддо ва ниёгони вай, ашхоси дунявӣ ва нақшу нигор. Саросари шифт пур аз қатори Буддои нишаста аст. Буддо инчунин дар дигар ҳолатҳо низ тасвир ёфтааст, ки чанд «авзои рӯҳии» вайро ифода мекунад. Дар девори долонҳо Буддо (ба андозаи калон) ва дигар ашхоси вобаста ба вай (ба андозаи нисбатан хеле хурд) тасвир карда шудаанд. Дигар суратҳо, аз ҷумла сурати ашхоси дунявӣ ҳам, бо мавзӯи умумӣ, бо равияи умумии ғоявии тамоми иншоот алоқаманд карда шудааст. Масалан, дар девори даҳлези яке аз селлаҳои хурд саҳнае тасвир шудааст, ки дар он ду марди мусаллаҳ дузону нишастаанд ва ҳар ду ба якдигар зарфи пур аз гулро дароз мекунанд (зарфи яке тиллоӣ, дигаре нуқрагин). Ин саҳна инъикоси маросими ба мазор назр додан аст, ки бо номи прандхиҳо дар дини буддоӣ маълум мебошад ва аз Сейлон сар карда, то ба Туркистони шарқӣ дар санъати тасвирӣ дучор мешавад. Ин сурат бо суратҳои Балаликтеппа хеле монанд мебошад, вале онро рассоме анҷом додааст, ки нисбат ба таъсири ашхоси дунявӣ иконографияи буддоиро хеле хубтар медонистааст.[126]

[126] Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1968. Масъалаи тадқиқи ин тасаввурот дар адабиёти советӣ ва хориҷӣ муфассал баён шудааст, бинобар ҳамин мо дар бораи он таваққуф намекунем.



**Сарбозони аҳди Темур дар асри XV.**
**(Аз рӯйи расмҳои Беҳзод)**



**Тарҳи равшантар аз нав кашидашудаи сурати девори ҷанубии хонаи ташрифот**
**дар Балаликтеппа (реконструксияи ҷузъӣ)**



**Сурати бойзанҳои Балаликтеппа**



**Буддо дар ҳолати нирвана. Аҷинатеппа**

Долоне, ки гирдогирди сӯмиаи маъбади буддоии Қалъаи Кофарниҳонро печонида гирифтааст, саросар пур аз расму суратҳо буд. Як қисми ин суратҳо дастраси мо гардидааст. Аз тамоми расми долон фақат қисми марказии он ва як порчаи сурати дуқабата нисбатан кам зарар дидааст. Аз сурати дуқабата фақат аз 1/3 қисми болоии он ва қисми поёниаш пурра боқӣ мондааст. Сурати қисми боло аз расми Буддои нишаста иборат мебошад, ки дар мобайн кашида шудааст, дар ду тарафи он боз ду одами ростистода тасвир гардидааст, қабати поён бошад, қатори одамонеро тасвир мекунад, ки ба тарафи рост рафта истодаанд. Дар расми қабати поён композитсияи серодаме ба назар мерасад, ки расми баъзе одамон қариб 70 см баланд аст ва дар мобайни онҳо расмҳои хурдтари одамон низ менамоянд. Дар тарафи чапи расм сурати ду зан ҳаст, ки рост истода 3/4 дараҷа ба тарафи рост тоб хӯрдаанд. Яке аз занҳо дар даст гул ва дигаре шамъи шамшодӣ дорад. Либоси онҳо аз куртаи дароз ва ҷомаи пешкушоде иборат аст, ки то пошнаи пойи онҳо мерасад. Баъди занҳо расми хурди марде менамояд, ки дар камар шоф дорад ва дузону нишастааст. Дар пеши ин мард расми марди дигар ба назар мерасад, ки рост истодааст ва зоҳиран ба габр мемонаду як китф ва дасташ луч мебошад. Ин мард ба дасти росташ шохчаи хамидаи гулеро ба сари синааш зер карда истодааст. Пеш аз ин мард боз расми хурди ду марди дигар ҳаст, ки рӯбарӯи ҳамдигар нишастаанд ва яке аз онҳо дар даст ҷоми тилло дорад.

Ғайр аз инҳо расми боз як одаме ҳаст, ки хеле зарар дидааст ва ниҳоят хира менамояд.

Ба ақидаи Б.А.Литвинский, ин сурат тасвири маросимест, ки ҳангоми он ба сӯмиа назру ниёз меоварданд. Ин гуна манзара дар осори буддоии Туркистони шарқӣ ниҳоят маъмул аст. Аз эҳтимол дур нест, ки дар ин расм ҳокими шаҳр, хешу ақрабои вай ва габрҳои сӯмиа тасвир шудаанд.

Муҳаққиқи номбурда имони комил дорад, ки сурати Қалъаи Кофарниҳон маҳз мардумони маҳаллии тахористонӣ, сарулибоси онҳо, чизу чораи онҳоро инъикос менамояд. Ин чиз ҳам аз аҳамият холӣ нест, ки сурати хушобурангу назаррабои Қалъаи Кофарниҳон бо санъату маҳорати олидараҷаи бадеӣ кашида шудааст. Услубан ин сурат ба силсилаи суратҳои аҷоибу беамсоли Балаликтеппа андаке шабоҳат дорад, вале айнан мисли онҳо нест. Шояд сабаб ҳамин бошад, ки сурати Қалъаи Кофарниҳон хеле сонитар эҷод шудааст, бинобар ин дар байни санъати Балаликтеппа ва Аҷинатеппа мақоми алоҳидаи мобайниро ишғол мекунад.

## Ҳайкалтарошӣ, кандакории чӯб ва дигар намудҳои санъат

Баъзе асарҳои санъати ҳайкалтарошӣ дар осори гуногун дучор мешаванд. Дар Аҷинатеппа як силсила муҷассамаҳои буддоӣ ба даст омад. Тамоми ҳайкалҳои буддоӣ аз лой буда, аз дарун қафасаи чӯбин надоранд. Қисмҳои калони ҳайкал аз лой сохта шуда, ҷузъиёти он бо қолаб тайёр карда мешуд. Сари ҳайкалҳои андозаашон хурд ва миёна бо қолаб сохта, аз нӯги по то фарқи сари ҳайкалҳо ранг дода мешуд. Сарулибоси Буддоро сурх, дасту пояшро сафед ва мӯяшро кабуд ё сиёҳ мекарданд.

Калонтарин ҳайкали ин маҷмӯа ҳайкали Буддо дар ҳолати нирвана аст. Ин ҳақиқатан як муҷассамаи бениҳоят бузург мебошад, вале он рост наистода, балки дар суфаи таги девор дароз кашидааст. Ҳайкал ба паҳлуи рост хобидааст, дасти чапашро дароз карда, ба паҳлӯ гузоштааст. Дасти росташ қат буда, дар таги сараш мебошад ва дасту сар дар болои болиштаки панҷқисма қарор гирифтааст. Ба андозаи ҳайкал ҳамин далолат мекунад, ки дарозии кафи пойи он 1,7–1,9 м мебошад. Худи ҳайкал аслан 12 м будааст. Рӯйи бадани Буддоро қатҳои либоси сурх пӯшидааст, фақат панҷаи даст ва пой луч мондааст. Дар пойи Буддо кафши сабуке будааст, ки онро бо тасма ба пойҳо мебастаанд. Фақат баъзе қисмҳои сар боқӣ мондааст. Мӯйсари Буддо ҷолиби диққат аст – ҳар як тори онро мавҷвор шона зада, хеле шинам хобонда мондаанд. Агар дар санъати буддоӣ ҳайкали Буддо тасвир шавад, он одатан дар ҳолати нирвана – якпаҳлӯ гузошта мешуд ва дар ин сурат ҳайкалтарошони буддоӣ ҳатто ҳаракат намекарданд, ки хусусияти аъзои бадани каси хобидаро аниқ таҷассум намоянд. Ҳайкали мазкури Буддо ҳам бо услуби мутлақо шартӣ таҳия шудааст. На тасвири воизи ба зинаи ҳақ расида, балки офаридани рамзи азими сукунати илоҳӣ – чунин буд вазифаи ҳайкалтарош. Тасаввур кардан душвор нест, ки ин ҳайкал 13 аср пеш чи таъсири азиме дошт ва буддоиёни муътақидро то чи андоза моту мабҳут мекард. Аз дигар ҳайкалҳои Буддо ҳайкалҳоеро ном бурдан даркор, ки дар тоқчаҳо истодаанд. Онҳо нисбат ба Буддои хуфта хеле хурд, вале аз қади одам 1,5 баробар калонтар мебошанд. Ин ҳайкалҳои Буддо дар ҳолати падмасана таҷассум шудаанд. Дар болои сари ҳар як ҳайкали Буддо аломати фаҷри гирдаест, ки барҷаста буда, ранг дода шудааст.



**Сари бодисатва.**
**Аҷинатеппа**

Инчунин бисёр ҳайкалҳое ёфт шуданд, ки 3/4 ва 1/2 андозаи қади одам буда, аз ҷиҳати бадеӣ аз ҳама мукаммал мебошанд. Дар ин ҷо инчунин сари Буддо ҳаст, ки дар фарқаш махсус ғуррӣ («ушниша») дорад. Аксари ин ҳайкалҳо асари баландсифату олидараҷаи санъат мебошанд. Тарҳи мавзуну шинам ва таносуби мукаммалу ҳусни бенуқс – хусусияти асосии ин асарҳо аст. Илова бар инҳо тасвири бодисатваҳо ва дигар ашхос ба даст омадааст. Алалхусус қомати ким-чи гуна деватҳо ниҳоят дилрабо баромадааст. Ҷавони танлучи зебо, ки дар бар танҳо лӯнгие дорад, хеле аҷиб истодааст: синааш ба тарафе хамида, миёну пойҳояш ба сӯйи дигар хамида ва илова бар ин яке аз пойҳояш ба қафо партофта. Дар синаи нақшини ҷавон асбоби зиёди зинат. Баъзе ҳайкалҳо пур аз кирдору рафтор ва илова бар ин бағоят мавзуну дилкашу нозук. Дар тасвири рӯҳониён ҳайкалтарош аз ҳама гуна банди урфу одатҳои динӣ озод буд ва маҳз дар ҳамин асарҳо вай ба камоли эҷодиёт расидаасту реализми ҳақиқиро касб кардааст. Яке аз ҳайкалҳо, ки сари пирамарди хаставу лакоти пешонаву пеши чашмонаш пур аз чину оҷинг аст,

мӯйсафедони имрӯзаи тоҷикро ба хотир меоварад. Инчунин сари ҳайкале низ ҷолиби диққат аст, ки салла дорад. Ҳайкалҳои Аҷинатеппа бисёр дигар ашхосро низ таҷассум менамоянд.

Ҳайкалҳои Аҷинатеппа гарчанде ба дигар осори санъати буддоӣ (масалан, ба санъати осори буддоии Фундуқистони Афғонистон, ки инчунин ба асрҳои VIII нисбат дорад) шабоҳат дошта бошад ҳам, ба ҳар ҳол, санъати ба худ хос ва бесобиқа аст.

Дар ин санъат чанд анъана фароҳам омадааст – ҳам анъанаи гандхарии давраҳои сонии Ҳадда, ҳам анъанаи санъати гуптҳои Ҳиндустон ва ғ. ва ҳамаи онҳо бо анъанаи тавонои санъати ба худ хоси маҳаллии бохтару тахорӣ омезиш ёфтааст.[127]

Девори бисёр хонаҳои Аҷинатеппа гаҷкорӣ буда, тоқчаву равоқҳоро оро додааст.

Ҳайкалҳои Қалъаи Кофарниҳон ҳам хеле мароқангез мебошанд. Беҳтарини онҳо аз ҷиҳати нафосат, ҳатто аз ҳайкалҳои Аҷинатеппа болотар меистанд. Яке аз хусусиятҳои ин ҳайкалҳо ҳамин, ки онҳо полихромӣ, яъне рангоранг мебошанд.

Дар Балаликтеппа ва дар Ҷумалактеппа (вилояти Сурхондарё) чӯбҳои кандакорӣ боқӣ мондаанд. Алалхусус, дар Ҷумалактеппа ин хел чӯбҳо бисёр. Дар ин ҷо болорҳои чортарош ҳастанд, ки нақши ба ислимӣ монанде доранд ва ё худ доиранақш канда шудаанд, инчунин лавҳаҳои калони чӯбини нақшин ҳастанд ва нақши онҳо иборат аз доираҳои калони гирдашон хол-хол буда, дар мобайни доира гулбаргҳои зебое тасвир шудаанд. Ғайр аз ин қисмҳои арақаи аҷоибе ёфт шуд, ки онро як навъи махсуси нақш ба равоқҳои ҷудогона тақсим кардааст ва дар мобайни ҳар як равоқи пурнақши гулбарг сурати аз миён болои одам тасвир ёфтааст.[128]

Дар қисми тоҷикистонии Тахористони шимолӣ чӯби кандакоришуда аз Қалъаи Кофарниҳон ба даст омад. Аз ин ҷо зиёда аз панҷоҳ пораҳои лавҳаҳои кандакоришудаи чӯбин ва қисмҳои чӯбини иморат ёфт шуданд. Муҳимтарини он пораҳо лавҳаи чӯбини кандакории думетра аст. Дар ин лавҳа ду товус тасвир шудааст, ки рӯ ба ҳамдигар думҳои худро бо шукӯҳи тамом ҷилва дода, рафта истодаанд ва дар минқори худ гул доранд. Нақши маъмули дигар лавҳаҳо расми пурпечутоби навдаи ток, расми хӯшаҳои ангур, барги ток ва печакҳои навдаи ток мебошад. Инчунин нақшае бисёр вомехӯрад, ки қатори равоқчаҳоро мемонад. Нақши қисмҳои чӯбини иморат аз занҷираҳои гуногун иборат аст. Услуби кандакорӣ бағоят равшану гӯё буда, бо маҳорати тамом анҷом дода шудааст.

Дар Тахористон инчунин санъати рақс ва мусиқӣ ривоҷ ёфта буд. Дар Хатлон ва Қумод раққосаҳои фаттоне буданд. Ҳокимони ин вилоятҳо ба ҳокимони давлатҳои хориҷа чун инъом раққосаҳоро мефиристоданд. Баъзе мусиқачиёни Осиёи Миёна, ки ба хориҷи мамлакати худ бурда шуданд, ба аҳли дарбор маъқул нашуда бошанд ҳам, дар байни халқи ом шуҳрати азим ёфтанд. Масалан, чунин аст таърихи мусиқачиёни Қумод, ки ниёгони навозандагони

[127] Литвинский Б.А. ва Зеймал Т.И., 1971, с. 76–109.
[128] Нилсен В.А., 1966, с. 303–307.

имрӯзаи Помир мебошад.[129] Шикастапораҳои асбобҳои мусиқӣ – косаи чӯбини тор, дастаи ғижжак ва ғайра аз Балаликтеппа ёфт шуданд.[130]

## Дин

Мардуми Тахористон дар асрҳои V–VII чанд динро мепарастиданд. Дар партави маъхазҳои таърихӣ ва мадракоти археологӣ аниқ гуфтан мумкин, ки қисми асосии мардуми Тахористон, мисли давраҳои қадим зардуштӣ буданд. Вале падидаҳои яқин ва шаклҳои парастиши ин дин қариб мутлақо маълум нест. Бархилофи Суғд, Чоч, Хоразм маросими дафн дар устадонҳо дар ин кишвар расм набуд, гарчанде дар баъзе ҷойҳо худи устадонҳо ёфт шуданд (Данғара, Ҳисор).

Аз хеле паҳн шудани оташпарастӣ чилими калони сафолие шаҳодат медиҳад, ки аз Балаликтеппа ба даст омадааст. Чилим аз пояи офтобашакли пурнақш ва аз сархона иборат аст. Ин хел чилимҳо дар Хайрободтеппа[131] ва дар ҷануби Тоҷикистон вомехӯранд. Дар Кофирқалъаи Колхозобод оташдони муқаддас ёфт шуд.

Мавқеи дини буддоӣ басо мустаҳкам буд. Рости гап, Ҳайтолиён дар аввалҳо дини буддоиро намепарастиданд. «Аз афти кор ҳокимони гуногуни вилоятҳои ҷудогонаи Ҳайтолиён нисбат ба дини буддоӣ муносибати ҳархела доштанд. Дар рафти ҷанг дар баъзе ҷойҳо маъбади буддоиён хароб гардида, талаву тороҷ мешуданд. Вале, умуман гирем, тамоми маълумотҳо далолат мекунанд, ки дар Осиёи Миёна дар давраи Ҳайтолиён дини буддоӣ таъқиб карда намешуд ва баъзе ҳокимони ҳайтолӣ дини буддоиро дастгирӣ мекарданд».[132] Дини буддоӣ ба туркҳо пеш аз ба Осиёи Миёна омадани онҳо таъсир дошт.[133] Дар охири асри VI ва аввали асри VII баъзе ҳокимони ғарбии туркҳо ба дини буддоӣ эътиқод мебананд ва ҳам дар ҷануби Осиёи Миёна, ҳам дар Афғонистону шимоли Ҳиндустон ба сохтмони ибодатгоҳҳои буддоӣ шурӯъ менамоянд ва буддоиёнро тарафгирӣ мекунанд. Сайёҳи асри VIII хабар медиҳад, ки дар Тахористон «шоҳу аъёну фуқаро» бут мепарастанд. Худи ҳамин гап дар ҳаққи Хатлон ҳам гуфта шудааст. Дар асри VII дар пойтахти Тахористон шаҳри Балх садҳо дайр, дар Тирмиз қариб даҳҳо дайр, дар Шумон ду дайр, дар Қубодиён се дайр ва ғ. мавҷуд буд. Дар ҳар як дайр шумораи муайяни роҳибон – аз 2 то 50 роҳиб буд. Дини буддоӣ ба Помир ҳам сар даровард, масалан, дар Вахон дайру роҳибон будаанд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, баъзе дайрҳо соҳиби сарватҳои калон – соҳиби замину молу мулк будаанд. Ҳафриёти Аҷинатеппа ва Кофирқалъа ин ахбори маъхазҳои хаттиро пурра тасдиқ кард. Топонимика ҳам баъзе ишоратҳо додааст. Дар ҷануби Тоҷикистон, дар поёноби дарёи Қизилсу Фархор ном маркази ноҳия ҳаст. Забоншиносон исбот карданд, ки номи Фархор аз калимаи санскритии «вихара», яъне «дайри буддоӣ» бармеояд.

---

[129] Schafer E.H., 1963, p. 54–56.
[130] Албаум Л.И., 1960, с. 99-100.
[131] Дар ҳамон ҷо, с. 71–76.
[132] Litvinsky B.A., 1968, p. 33–34.
[133] Gabain A.V., 1961 ва мобаъд.

Дар Зангтеппа катибаҳои буддоии рӯйи пӯсти дарахт ёфт шудаанд. Ин катибаҳо бо хатти марказиосиёгии браҳмӣ навишта шуда, забонаш санскрити омехта мебошад. Ин катиба чандин маҷмӯаи матнҳои буддоӣ буда, яке аз онҳо «Виная» мебошад ва он қоидаву қонунҳои рафтору кирдори роҳибону роҳибаҳо ва дигар эътиқодмандони қаторист, ки пайрави дини буддоӣ шудаанд. Боқимондаҳои ин гуна дастнависҳо аз Кофирқалъа ҳам ёфт шудааст.

Ҳамаи ин маълумот далолат мекунад, ки дар Тахористон дини буддоӣ хеле интишор дошт.[134]

Дигар дине, ки дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла, дар Тахористон реша давонда буд, дини монавия мебошад. Дар ибтидои асри VIII қароргоҳи пешвои ин мазҳаб дар Тахористон буд. Соли 719 ба сифати сафири Чағониён марде аз аҳли монавия фиристода шуд, ки унвонаш «дабири кабир» будааст. Монавия аз худи ибтидои дар Осиёи Миёна паҳн шуданаш ба аъёну ашроф ва ҳокиму волиён такя менамуд ва сафир будани яке аз аҳли монавия далели равшани ин даъво мебошад.[135]

Ниҳоят боз як дини дигар – дини насронӣ[136], аниқтараш, тариқати нестории ин дин хеле паҳн шуда буд. Мувофиқи маълумотҳо, дар байни Ҳайтолиён дини насронӣ маълум будааст, туркҳои тахорӣ ин динро мепарастидаанд ва аз Тахористон сафорате омада будааст, ки мақсад доштааст, тариқати несториро паҳн кунад ва ғ.

Хуллас, дар асри VI ва ибтидои асри VIII дар Тахористон чандин дин баробар вуҷуд дошту ҳар яки он барои «банда» кардани мардум мубориза мебурд, ба ҳамдигар таъсир мерасонд ва аксар вақт бо ҳамдигар омехта шуда мерафт.

## 3. СУҒД ДАР АСРҲОИ VI–VII

### Тавсифоти умумӣ

Номи «Суғд» дар маъхазҳои гуногунзабон дар муддати мадид дучор мешавад.[137] Муҳаққиқи машҳур В. Томашек тахмине пеш ниҳод, ки калимаи «суғд» аз калимаи умумиэронӣе бармеояду маънояш «рахшидан», «дурахшидан» ва «сӯхтан» аст.[138] Дар фарҳангҳои тоҷикию форсӣ калимаи мазкур тамоман дигар хел шарҳ дода мешавад: «шибарзамин, ё худ пастие, ки дар он ҷо об кӯл мешавад».[139] Дар забони ҳозираи тоҷик алҳол «суғд» гуфта ҷоеро мегӯянд, ки шибарзамину ботлоқ, ҷойи киштбоби шодоб бошад, вале, аз афташ, ин тафсир сонитар пайдо шудааст.

Ҳудуди географии Суғд чӣ гуна буд? Ба ақидаи сайёҳи асри VII Сюан-сзан, Суғд кишварест байни дарёи Чу дар шимолу шарқ ва Дарвозаи Бойсун дар ҷанубу ғарб. Маълум, ки ин ҳудуд ҳудуди сиёсию географии Суғд не, балки

---

[134] Тавсифи муфассали инро ниг.: Litvinsky B.A., 1968, p. 55-57, истинод адабиёту маъхазҳо дар ҳамон ҷо.

[135] Беленитский А.М., 1954; Литвинский Б. А. ва Зеймал Т.И., 1971, с. 120–121.

[136] Бартолд В.В., 1893; Литвинский Б. А. ва Зеймал Т.И., 1971, с. 122–123.

[137] Маҷмӯи маълумотро ниг.: Tomaschek W., 1877, s. 74.

[138] Дар ҳамон ҷо, 74–75.

[139] Маҷмӯи мадракотро ниг.: Смирнова О.И., 1963, с. 24–25.

макони зиндагии суғдиён мебошад. Маъхазҳои арабу тоҷикзабони давраҳои сонӣ (асосан асрҳои X–XIII) идроки ҳамонзамонаи масъалаи мазкурро таҷассум намуда, ба ҳар ҳол, баъзе гапҳои қадимаро ҳам ба инобат гирифтаанд. Аз ин маъхазҳо мо воқиф мешавем, ки Суғд ба ду маъно: ба маънои танг ва ба маънои васеъ истифода мешуд. Суғд ба маънои васеъ тамоми водии Зарафшон (баъзан ноҳияҳои болотарини онро истисно мекарданд) ва водии Қашқадарё мебошад. Дар айни ҳол, тасаввуре низ маъмул буд, ки Суғд танҳо ноҳияи Самарқанд мебошад. Муаррихони асрҳои миёна дар бораи «Суғди Самарқанд» бисёр сухан рондаанд. Инчунин «Суғди Бухоро» ном мафҳуме ҳам буд. Ёқут гуфтааст: «Гӯянд ду Суғд ҳаст – Суғди Самарқанд ва Суғди Бухоро».[140] Водии Қашқадарё ҷузъи Суғд дониста мешуд ва зимнан, баъзе муаллифон, масалан, Яъқубӣ Кешро пойтахти Суғд гуфтаанд.[141] Ҳамаи ин маълумотро муҳаққиқон муфассал тадқиқ кардаанд.[142]

### Сюан-сзан ва Хой Чао дар бораи Суғд

Сюан-сзан ба Суғд соли 629 омад. Вай менависад, ки Самокиён ё Самосзан (Самарқанд) – мулкест, ки аз шарқ ба ғарб тӯл кашидааст. Андозаи пойтахти кишвар баробари Тирмиз будааст. Мулки Самокиён аз чор тараф бо монеаҳои табиӣ муҳофизат шудааст. Мардумаш хеле бисёр. Дар ин мулк аз дигар мамлакатҳои хориҷа молу сарвати ниҳоят пурқиматтарин бисёр ҷамъ шуда мемонад. Заминаш ҳосилхез асту ҳосили фаровон медиҳад. Долу дарахт нағз месабзад (вай дарахтҳоро бешагӣ номидааст), гулу мева ниҳоят зиёд аст. Дар ин кишвар аспҳои хушзот ҳастанд. Мардуми ин кишвар нисбат ба мардуми кишварҳои дигар дар санъат ва ҳунар (мувофиқи тарҷумаи дигар – дар тиҷорат) пешқадам мебошанд. Иқлим нарму муътадил аст. Аҳолӣ серғайрату пухтакору нотарсу далер мебошад. Ин кишвар дар мобайни кишварҳои «барбарӣ» ҷой гирифтааст. Тамоми халқҳои ҳамсоя дар хушахлоқӣ ва накукорӣ аз суғдиён ибрат мегиранд. Подшоҳ каси ҷасуру бебок аст ва ҳама ноҳияҳои атроф ба вай итоат доранд. Дар ихтиёри шоҳ лашкари сершумор, аз ҷумла, сарбозони савора ҳаст. Сарбозоне, ки сайёҳ онҳоро «чи-киа» номидааст, мақоми махсус доштанд. Онҳо ба дараҷае фидокор буданд, ки ҳатто бо шодӣ сӯйи марг мерафтанд. Вақте онҳо ҳамла кунанд, ягон душман истодагарӣ карда наметавонист.

Сипас, Сюан-сзан аз мулкҳои Мимокия ё Мимохэ (Маймурғ), Сзебудан (Кабудон), Сюйшуаннисзя (Кушония), Бухэ (Бухоро), Сзешуанна (Кеш) ва ғайра сухан меронад. Инчунин дар бораи андозаи онҳо маълумоте оварда, ба ҳамаи онҳо як хел тавсифи мухтасар дода мешавад: «Дар бобати урфу одат ва маҳсулот ба Самокиён (Самарқанд) шабоҳат дорад».[143]

Хой Чао (соли 726) умуман «кишвари Ху»-ро тасвир намуда, ба ҳайати он Ан (Бухоро), Сао (Иштихон), Ши (Кеш), Ши-ло-Ми (Маймурғ) ва Кан (Самарқанд)-ро дохил кардааст. Гарчанде ҳар яки ин мулкҳо малике дошта бошанд ҳам, ҳамаи

[140] Ёқут, III, s. 394.
[141] Яъқубӣ 1892 p. 299.
[142] Масалан, ниг.:Бартолд В.В., с. 477-478.
[143] Beal S., 1906, p.32-36.

онҳо ба арабҳо тобеъ мебошанд. Ин мулкҳо калон нестанд ва дар ҳар яки онҳо дастаи хурди сарбозон ҳаст. Аз чорвои ин ҷо шутур, хачир, гӯсфанд ва аспро ном бурдан мумкин. Пахта мекоранд. Либоси мардум пахтагин аст, шалвор ва ҷомаҳои онҳо пашмин. Мардон саллаи сафед мебанданд ва ришу мӯйсари худро тоза метарошанд. Забони онҳо аз забони мардуми мамлакатҳои ҳамсоя фарқ дорад. Урфу одати онҳо бад аст – ҳар занеро, ҳатто модар ва хоҳари худро ҳам ба занӣ мегиранд. Дар Эрон ҳам, мард ҳақ дошт модарашро ба занӣ гирад. Дар шаш мулк дини зардуштиро мепарастанд, дини Буддо расм не, фақат дар Самарқанд як дайри буддоӣ ҳасту он як роҳиб дорад.[144]

## Таърихи сиёсӣ

Алҳол мадракоти кофӣ нест, ки таърихи сиёсии Суғд, алалхусус, таърихи сиёсии мулкҳои он тартиб дода шавад. Маъхазҳо фақат маълумотҳои берабти алоҳида-алоҳида медиҳанд.

Дар ибтидои асри VII, мувофиқи хабари солномаи таърихӣ дар Суғди Самарқанд (дар солнома номашро «Кан» гуфтаанд) оли маҳаллие ҳукм меронд, ки ба ниёгони йуҷӣ нисбат дошт (ё худро ба йуҷиҳо мансуб эълон мекард). Чунин ақида ҳаст, ки баъди ҷулуси худ ин ол бе танаффус қариб, ки аз ибтидои эраи нав ҳукмронӣ кардааст. Унвони малик Чжаоу буд.[145] Малики суғдиён дар ҳамон вақт дар «Алуди» ном шаҳри серодам зиндагӣ мекард Солнома навиштааст, ки «Кан давлати муқтадир аст».[146] Дар натиҷа, ҳатто хоқони Хоқонии ғарбии туркҳо Датои (солҳои ҳукмрониаш аз 575/76 то 603) лозим донистааст, ки бо малики Суғд Тайшепи (Э.Шаванн ва К.Ширатори номи ӯро чунин хондаанд) хешу ақрабо шавад ва духтарашро ба занӣ додааст.

Шоҳони Суғд ба авлоди Унаш нисбат доштанд (ин ном дар солномаҳои муаррихони Хитой зикр шудааст ва дар навиштаҷоти суғдиён низ вомехӯрад).[147]

Дар он давраҳо ба Кан, яъне ба Суғди Самарқанд, Ми (Маймурғ), Сао ва Хэ (Иштихон ва Кушония), Ани Сағир (ноҳияе дар сарҳадди шарқии воҳаи Бухоро), Нашебо (Насаф) барин ҳашт мулк тобеъ буданд.[148] Ба ҳамин тариқ, қариб тамоми мулкҳои водии Зарафшон (аз афти кор, фақат ғайр аз қисми ғарбии он) ва инчунин водии Қашқадарё (Насаф) дар зери тасарруфи малики Суғди Самарқанд буд. Амалан маълум не, ки ин иттиҳод кай ба вуҷуд омад, чӣ хусусият дошт ва дараҷаи итоати мулкҳои алоҳида ба ҳукумати марказӣ чӣ гуна буд.

Дар қасри малики Суғди Самарқанд «кохи ниёгон ҳаст, ки моҳи шашум дар он ҷо назр медиҳанд. Дигар маликон ҷамъ омада, ба назрдиҳӣ ёрӣ мерасонанд».[149] Ин хабарро далели ҳамин донистан мумкин, ки дар байни

---

144 Fuchs W., 1938, s. 451-452.

145 Оид ба ин унвон ду ақида ҳаст. Баъзе олимон (масалан, В.Радлов ва И.Маркварт) онро туркӣ мегӯянд (оид ба охирин тавзеҳоти ин даво ниг.:Haussig H. W., 1956), дигар гурӯҳ олимон онро эронӣ мегӯянд (аз давраҳои Ремюз: Abel Remusat, 1829, p. 227, n. 2). Аз тарафдорони эронӣ будани унвони мазкур В.Томашек, С.Конов, Х.Шедер ва дигаронро номбар кардан мумкин.

146 Бичурин, II, с. 280–281.

147 Албаум Л. И., 1975, с. 54–55.

148 Бичурин, II, с. 281.

149 Дар ҳамон ҷо.

маликҳои Суғд робитаи хешу таборие буд ва ҳамаи онҳо гӯё як аҷдоди умумие доштанд (ба ин маъхазҳо ҳам ишорат кардаанд). Албатта, дигар гуна тавзеҳро ҳам аз эътибор соқит кардан даркор не, яъне эҳтимол меравад, ки фармонбардорони оли ҳукмрони Самарқанд уҳдадор буданд, дар маросиминазрдиҳӣ ширкат намоянд ва бо ҳамин ба малики худ содиқ буданашонро нишон диҳанд. Аз афти кор, имконпазир будани ҳар ду тавзеҳро дар назар доштан даркор.

Ба гумон аст, ки ҳайат ва ҳудуди географии ин иттиҳод бетағйир монда бошад. Эҳтимол, дар ин ё он давраи мавҷудияти вай воҳаи Бухоро, ё худ қисми зиёди онро дар бар мегирифт. Инро аз чунин хабари Масъудӣ фаҳмидан мумкин, ки девори атрофи воҳаи Бухороро дар қадим яке аз подшоҳони Суғд сохта будааст.[150]

Дар кадом як давраи вуҷуди Суғд пойтахти он Кеш буд. Ба ин маъхазҳои давраҳои сонитар ҳам ишорат мекунанд, дар ин бора муаррихи асри IX Яъқубӣ ҳам хабар медиҳад.[151] Тақвияти мулки Кеш дар чоряки якуми асри VII оғоз меёбад.[152] Малик Тичо (мабодо ин талаффузи аҷнабии ҳамон номи эронии Тиш набошад?) малики муқтадире ҳисоб мешуд. Вай ба кадом як давлати хориҷӣ ҳайати сафорат фиристод; шаҳри Ки-шеро сохт, ки одатан худи ҳамон Кеш мегӯянд. Инчунин хабар ҳаст «Шашепи» ном дигар Малик низ соли 642 бо туҳфаю инъоми зиёд ҳайати сафорат фиристода буд.[153] Дар маъхазҳои таърихӣ дар бораи вай дигар ягон маълумот нест. Вале ин малик танга мебаровардааст. Дар байни тангаҳое, ки дар Панҷакент ёфт шуд, тангаҳое ҳастанд, ки дар рӯйи онҳо «ихшид Шашпир» навишта шудааст. Дар тангаҳо идеограммаи оромии «подшоҳ» ҳаст, ки дар тангаҳои суғдӣ унвони ҳокимони тамоми Суғд – ихшидҳоро ифода мекунанд. Дар натиҷаи муқоисаи ин маълумот маълум мешавад, ки аз ҳама аниқтарин шарҳу тавзеҳи он ҳамин, ки Шашпир ном малик подшоҳи тамоми Суғд буд.[154] Албатта, ин фақат яке аз роҳҳои таъвили масъала мебошад.

Вале ҳукмронии Кеш дар иттиҳоди Суғд тӯл накашид. Инак, мувофиқи хабари маъхазҳо, дере нагузашта, дар байни солҳои 656–660 малики нави Кеш Чжаоу Шиагйе (номро Бичурин чунин хондааст; Э.Шаванн мегӯяд, ки онро Cho-a-ho хондан даркор) мутеи подшоҳи Самарқанд шуд.[155] Дар омади гап, малики Суғди Самарқанд андаке пештар – дар байни солҳои 650–655 подшоҳи тамоми Суғд шуда буд. Аз афти кор, як фурсати муайян лозим шудааст, ки Кеш ҳукмронии Самарқандро эътироф кунад. Фақат тахмин кардан мумкин, ки дар муддати ин панҷ сол дар байни Самарқанду Кеш мубориза рафтааст ва дар натиҷа Шашпир сарнагун шудаасту ба ҷойи вай ба тахти Кеш Шиагйе (Шеаҳо) баромадааст. Унвони ихшиди Суғд акнун насиби Оли Самарқанд

---

150 Масъудӣ, 1894, с. 65.

151 Яъқубӣ, 1892, с. 299.

152 Умуман, дар он ҷо хеле пештар аз ин оли мустақиле буд. Дар асрҳои V– VI шоҳони Кеш тангае мебаровdefinitions, ки дар рӯйи он расм ҳаст ва дар пушти танга сурати ҳокимест, ки шер ё махлуқи шермонанди ба пойи қафояш истодаро бо шамшер мезанад. Таклиф кардаанд, ки хатти суғдии ин навъ тангаҳоро «Подшоҳи Кеш (?)» хондан даркор (Кабанов С.К., 1961, с.137 ва мобаъд; Лившитс В.А., Луконин В.Г., 1964, с. 170, эзоҳи 110).

153 Бичурин II, с. 316; Chavannes E, 1903, p. 146.

154 Смирнова О.И., 1963, с.140-141, 62-63.

155 Бичурин II, с. 316; Chavannes E, 1903, p. 146.

шуд, ки аҷнабиён онҳоро Фухуман[156] мегӯянд. Як силсила тангаҳои суғдӣ ҳаст, ки хатти онҳоро, ба ақидаи О.И.Смирнова, «ихшид Варҳуман» хондан даркор (ба ақидаи вай, Фухуман талаффузи аҷнабии номи шоҳи суғдиён Варҳуман ё худ аниқтараш Аварҳуман аст)[157]. Номи ин подшоҳ дар катибаи калони суғдии Афросиёб ҳам зикр шудааст.

Дар баробари подшоҳони умуми Суғд маликҳои маҳаллӣ ҳам вуҷуд доштанд. Малики Кеш, ки акнун тобеи Оли Самарқанд буд, «ихрид» ном унвони меросӣ дошт.[158]

Дар маъхазҳои хитоӣ мулки Бухоро Ан, Нэуми, инчунин Бу-хо (Pou-ho) номида мешуд ва унвони малики он Чжаоу буд. Насаби маликҳои Бухоро ва Самарқанд як буд. Дар чоряки дувуми асри VII дар Бухоро Алинга (номи ӯро Бичурин чунин хондааст; Э.Шаванн таклиф мекунад, ки Ho-ling-kia хонда шавад) ном шахсе малик шуд. Маъхази хитоӣ хабар медиҳад, ки Оли Бухоро «аз насл ба насл бист пушт ҳукмронӣ мекунад»,[159] яъне чанд аср ҳукмронӣ кардааст.

Дар ноҳияи Бухоро тангаҳои скифатии (яъне фурӯхамидаи) мисин дар муомилот буд, ки дар рӯяш ба суғдӣ «шоҳ Асвар» навишта шуда буд. Мувофиқи мадракоти палеографӣ ин тангаҳо ба асрҳои IV–V нисбат доштанашон мумкин. Номи шоҳ эронист ва маънояш «аспсавор» аст. Аз рӯйи хатти тангаҳо маликҳои Бухоро ду унвон доштаанд, ки маънои яке «шоҳ» ва маънои дигараш «ҳоким» будааст.[160]

Мулки Панҷакент мулки мустақили муҳим буд. Ба ҳайати он ғайр аз ноҳияи худи Панҷакент (он замонҳо номаш Панҷ буд) дар ибтидои асри VIII атрофи болооби Зарафшон ҳам дохил мешуд. Дар ҳуҷҷатҳои суғдие, ки аз кӯҳи Муғ ёфта шуд, Моҳиён (ба маънои «Маҳтобӣ»), Паргор (яъне «Замини болои кӯҳ» – Фалғари ҳозира), Кштут (Кштути ҳозира), Мартушкат (Мастчоҳи ҳозира) ном бурда мешавад. Дар ин ноҳия бисёр деҳаҳо буд. Дар ин ҷо деҳаҳои Мадм ва Қум (алҳол бо ҳамин ном вуҷуд доранд), Заровадк (Зербодӣ ҳозира), Эскотар («Замини болоӣ», Искодари ҳозира), Хшиканд (Хушекати ҳозира), Варз («Баланд», Варзи Манори ҳозира), Курут (Курути ҳозира), Фатмив (Фатмеви ҳозира), Пахут (Похути ҳозира), Эртмаут (Фалмоути ҳозира), Шавкат («Шаҳри сиёҳ», Шватки ҳозира) зикр гардидаанд. Водии Яғноб ҳам ба мулки Панҷакент дохил мешуд. Аз афти кор, дигар ноҳияҳои Пэтаман (Бутамони асри миёна), яъне дар ин маврид ноҳияҳои кӯҳҳои Ҳисор ва Зарафшон ҳам ба ҳайати мулки Панҷакент дохил мешуданд ё ба он тобеъ буданд. Масалан, дар ҳуҷҷатҳои Муғ деҳаи ҳозираи Анзоб[161] ном бурда шудааст.

Тангаҳои сершумори Панҷакент – Панҷро муҳаққиқон батафсил тадқиқ мекунанд. Муқаррар шуд, ки дар Панҷакент – Панҷ оли маҳаллие ҳукмронӣ мекард (вале номи намояндагони оли мазкур ба ҷуз баъзе истисноҳо то ҳол муайян нашудааст). Дар айёми вазнинтарини вуҷуди Суғд – дар чоряки якуми

---

[156] Бичурин, II, с. 317; Chavannes E., 1906, p. 135.
[157] Смирнова О.И., 1963, с. 28.
[158] О.И. Смирнова ҷадвали хронологии маликҳои Кешро тартиб додааст (1962, с. 68).
[159] Бичурин, II, с. 282.
[160] Лившитс В.А., Луконин В.Г., 1964, с. 169-170.
[161] Смирнова О.И., 1960.

асри VIII дар натиҷаи ҳамлаи арабҳо мақоми мулки Панҷакент хеле боло шуд, зеро дар ибтидо вай ба толону тороҷи арабҳо гирифтор нашуда буд. Ҳокими Панҷакент – Дивашток, ки худ аз авлоди шоҳон набуд (дар ҳуҷҷати В-4 кӯҳи Муғ номи падари вай Едхшетака бе унвони «шоҳ» зикр шудааст), ба тахти Самарқанд ва ба унвони «шоҳи Суғду ҳокими Самарқанд Диваштак» иддао дошт ва, аз афти кор, муддате ба ин мартаба ҳам расида буд.

Дар баробари мулкҳои калон мулкҳои хурд ҳам бисёр буданду баъзеи онҳо танга ҳам мебароварданд. Дар «Самитан» ном деҳаи Суғд (дар ҷойи Кушонияи қадим, яъне заминҳои деҳаҳои имрӯзаи Метан, Пойариқ, Чалак) маркази мулки хурде буд, ки ҳокими он аз номи худаш тангаи биринҷӣ сикка мезад.[162]

Тақвияти баъзе мулкҳои алоҳидаи иттиҳоди Суғд аз маълумоти маъхазҳои таърихӣ, археологӣ ва нумизматӣ бармеояд. Ҳокимияти марказии шоҳи Суғд суст мешавад, танг мегардад. Дар бораи масоҳати иттиҳод аз чанд маъхаз маълумот гирифтан мумкин аст. Соли 712 арабҳо ба писари ихшиди Суғд - Гурак ваъда додаанд, ки ӯро «подшоҳи Самарқанду атрофу ноҳияҳои он, Кеш ва Насафу шаҳру қалъаҳои он» хоҳанд кард. Ба ҳайати иттиҳоди Суғд инчунин Ми (Маймурғ) ва Сао (Кабудон ё Иштихон)[163] ва эҳтимол, баъзе дигар мулкҳо низ дохил мешуданд. Калонтарин мулки иттиҳоди Суғд – Бухоро истиқлол ёфт ва ба тахти он оли бухорхудотҳо[164] нишаст. Дар тангаҳои намояндагони оли мазкур унвони онҳо «Шоҳи Бухоро» зикр шудааст.[165]

Вилоятҳои Суғд бо дигар вилоятҳои Осиёи Миёна робитаҳои дипломатӣ доштанд ва ба дигар вилоятҳо ҳайати сафорат мефиристоданд ва аз дигар вилоятҳо ҳайати сафорат қабул мекарданд. Дар сурати Афросиёб, бешубҳа, омадани яке аз чунин ҳайатҳои сафорат ва маросими дар Самарқанд қабул шудани онҳо инъикос ёфтааст. Аз навиштаҷоти суғдии таги ин сурат порчаи зерин боқӣ мондааст: «Вақте шоҳ Вархуман (зодаи) Унаш назди вай (яъне сафир) омад ва (сафир) лаб кушод: «Манам дапирпати (сардори дабирон.- Б.Ғ.) Чағониён, номам Бӯкарзод. Аз шоҳи Чағониён Тӯронтош омадам, ба Самарқанд назди шоҳ барои изҳори ҳурмат ва инак, пеши шоҳ истодаам бо эҳтиром. Ва ту (шоҳо) нанмо шубҳае аз ман, на аз худоёни Самарқанд ва на аз катибҳои Самарқанд (шояд ба маънои китобҳои динӣ бошад.- Б.Ғ). Ман хуб воқифам ва нахоҳам расонд зиёне ба шоҳи (Самарқанд). Бодо, шоҳо, давлатат зиёда». Ва шоҳ Вархумон (зодаи) Унаш ӯро рухсат дод. Он (гоҳ) лаб кушод дапирпати Чоч...».

Ҳуҷҷатҳои архиви Муғ ривоят мекунанд, ки бо бисёр вилоятҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, бо Чоч, Истаравшан, Фарғона ва ғ. муносибатҳои дипломатӣ амал дошт. Бисёр маъхазҳо ҳикоят мекунанд, ки аз Суғд ба хориҷи Осиёи Миёна ҳайати сафорат ва аз давлатҳои гуногун ба ин ҷо ҳайати сафорат меомад.

---

[162] Смирнова О.И., 1967, с. 36–39.

[163] Бичурин, II, с. 311.

[164] Дурусттараш бухорхудо бояд бошад, ниг.: Наршахӣ. The History of Bukhara, 1954, p.108.

[165] Лившитс В.А., Луконин В.Г., 1964, с. 170.

## Обёрӣ. Хоҷагии қишлоқ

Се канали асосии обёрӣ, ки заминҳои ҷануби Самарқандро шодоб мекард, дар асрҳои миёна аз Варағсар («Сари дарғот») ном маҳалле (ҳозир номи ин маҳал «Работи Хоҷа») сар мешуд. В.В.Бартолд қайд карда буд, ки аз тавзеҳу тафсири истилои араб маълум мешавад, ки ин канал пеш аз истилои арабҳо, яъне дар асрҳои VI-VII вуҷуд доштааст.[166] Дар худи ҳамин давраҳо канале буд, ки Самарқандро аз об таъмин мекард.[167]

Аз каналҳои калони тоисломӣ канали Норпайро ном бурдан даркор, ки он ноҳияи Кушонияро обёрӣ менамуд. Дар поёнтари Зарафшон, дар ҳудуди воҳаи Бухоро яке аз каналҳои дар асрҳои миёна калонтарин – канали Шопурком (баъдҳо Шофирком шуд) ном дошт ва зимнан ривояте ҳаст, ки онро Шопур ном кадом як шоҳзодаи сосонӣ сохтааст.[168] Ин канал заминҳои шимолитарини воҳаи Бухоро – ноҳияҳои мулки Варзонаро шодоб менамуд, ки ҳокимони он бо бухорхудотҳо рақобат доштанду зидди онҳо меҷангиданд. Инчунин боз якчанд каналҳои  калон мавҷуд буд.[169] Дар воҳаи Қашқадарё ҳам шабакаи мукаммали обёрӣ амал мекард.[170]

Вилояти Самарқанд ба дараҷае ободу шодоб, ба дараҷае сердолу дарахти пуру фаровонҳосил буд, ки аввалин волиёни араб онро «Равзат-ул-амир ал-муъминин», яъне «боғи халифа» номида буданд.[171]

Зироат дар Суғд асосан обӣ буд, вале ин маъно надорад, ки зироати лалмӣ набуд, баръакс, заминҳои лалмӣ ҳам кор фармуда мешуд. Тавсифи умумии хоҷагии қишлоқ дар як солномаи ҳамон давраҳо чунин аст: «Иқлимаш нарм, барои кишти ҳамагуна ғалла мувофиқ. Мардум дар боғдорӣ ва обчакорӣ моҳир. Дарахт умуман месабзад. Асп, шутур, хар ҳаст».[172]

Бозёфтҳое, ки ҳангоми ҳафриёти кӯҳи Муғ ба даст омад, дар бораи анвои зироат маълумоти хеле муфассал медиҳад. Аз ин ҷо дону донакҳои гуногун ва боқимондаҳои ниҳоли пахта ёфт шуд.[173] Ҳуҷҷатҳои Муғ шаҳодат медиҳанд, ки дар ноҳияи Зарафшони Боло зироати асосӣ ғалла ва ангур буд. Инчунин ҷав, арзан ва нахӯд ҳам мекиштанд.[174] Истилоҳи суғдии «ғалла» аз ҷиҳати этимология ба маънои «бехта» алоқаманд аст.[175]

Ғалларо дар осиёб мекашиданд. Хуҷҷати В-4-и кӯҳи Муғ шартномаест дар бобати аз тарафи Моҳиён ном шахсе иҷора гирифтани се осиёб «бо тамоми анҳору бинову сангҳои он»; ҳаққи иҷора бо орд дода мешуд.[176] Гарчанде дар бораи осиёбҳои он давра мо тасаввуроти мукаммал надорем, вале, ба ҳар ҳол, масалан, аз Афросиёб чанд санги калони осиёб ёфт шуд. Дар баробари осиёб дар рӯзгори мардум дастосҳои хурду калон бисёр истифода мешуд.

[166] Бартолд В.В., 1965, а. с. 186-187.
[167] Дар ҳамон ҷо, с. 188.
[168] Дар ҳамон ҷо, с. 198-199.
[169] Оид ба тавсифи шабакаи қадимии обёрии воҳаи Бухоро ниг.: Шишкин В.А., 1963, с. 22-25.
[170] Кабанов С.К., 1956 а, с. 164.
[171] Бартолд В.В., 1965 а, с. 146.
[172] Бичурин, II, с. 281.
[173] Данилевский В. В. ва диг., 1940.
[174] Смирнова О.И., 1963, с. 12-20; Смирнова О.И. ва Боголюбов М.Н.,1963.
[175] Лившитс В.А., 1962 б, с. 136.
[176] Дар ҳамон ҷо, с. 57.

Дар ҳуҷҷатҳо супоришҳои зиёде ҳаст, ки ғалла, мева ва шароб дода шавад.

Токдорӣ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ буд.

Дар Панҷакент чархуште ёфт шуд. Чархушт чуқуриест, ки дар тагаш боз новачае дорад. Дар паҳлуи чуқурӣ боз як хандақча мекананд, ки он бо новае ба чуқурӣ пайваста аст. Девораҳои чуқурӣ ва хандақчаро бо гаҷ андова мекунанд. Мумкин аст дар таги хандақча тахта ҳам мечиданд, баъд ба болои он янтоқи сабз меандохтанд ва ба болои янтоқ ангур рехта, онро фишор медоданд. Оби ангур дар натиҷаи фишор аз байни янтоқ мегузашту ба воситаи новача ба чуқурӣ мерехт. Пас аз он ки оби ангур дар чуқурӣ таҳшин мегардид, онро гирифта, ба хумҳо меандохтанд. Баъзе чархуштҳои имрӯзаи халқии тоҷикӣ ҳам маҳз чунин сохт доранд.[177]

Дар солномаҳои таърихӣ маълумот ҳаст, ки дар Суғди Самарқанд шароби ангур бисёр буд. Хабар дода мешавад, ки дар ҳавлиҳои боён захираҳои зиёди он солҳо нигоҳ дошта мешуд. Мадракоти археологӣ ва ҳуҷҷатҳои Муғ шаҳодат медиҳанд, ки ин хабарҳо муболиға нест. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои Муғ чунин супориш ҳаст: «Ба фалонӣ аз он шароби ноб бояд дод, ки канизакҳо менӯшанд ва дар ин таъхир нашояд. Боқии шароб сар ба муҳр шавад ва бо ҳамин минвол маҳфуз монад». Ин гуна хабарҳо гӯё тасдиқи ривояти солномаҳо мебошад. Ҳатто вазифаи «сарсоқӣ» вуҷуд дошт.[178]

Дар баробари токзорҳо бисёр боғҳо ҳам буданд. Дар худи ҳамон ҳуҷҷатҳои Муғ унвони «боғбон» зикр шудааст. Меваҳо ниҳоят хушсифат будаанд. Масалан, аз Суғди Самарқанд шафтолуе меоварданд, ки аҷнабиёнро дар ҳайрат мегузоштааст, зеро «ҳар яки он мисли тухми мурғобӣ калон буду ранги онҳо тиллоӣ метофт ва онро «заршафтолу меномиданд».[179] Олуи сафеду зард ҳам барои фурӯш ба хориҷа мерафт.[180] Ҳамаи ин тавсиферо, ки Сю-ан-сзан ба хоҷагии қишлоқи Суғд дода буд, пурра тасдиқ мекунад.

Ба ақидаи аҷнабиёне, ки аспҳои хушзоти Самарқандро мехариданд, ин аспҳо ба аспҳои Фарғона монанд буданд.[181] Аз Самарқанд, Бухоро, Кеш ва Маймурғ дар солҳои 624, 724, 726, 727, 744, 750 ба Хитой барои фурӯш галаи аспҳои хушзоти суғдиро оварда буданд.[182] Диққати муаллифони хориҷиро инчунин гӯсфандони Самарқанд, ки «дунбаи бениҳоят калон»[183] доштанд, ҷалб карда буданд, маълум, ки ин ҳамон гӯсфандони машҳури думбакалон аст;

Дар ҳуҷҷатҳои Муғ гову гӯсфанду буз, аспу хару хачир зикр шудааст.[184] Дар баъзе ҷойҳои ҳамвор шутур ҳам истифода бурда мешуд.[185] Шубҳае нест, ки дар Суғд кирмакдорӣ ҳам равнақ ёфта буд. Дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ (ва ашёи аз дигар мамлакатҳо овардашуда) матоъҳои абрешимӣ, пахтагӣ ва пашмӣ бофта мешуд.

---

[177] Дар ин бора ниг.: Болшаков О.Г. ва Неъматов Н.Н., 1958, с. 187-188.
[178] Лившитс В.А., 1962, с. 140.
[179] Schafer E.H., 1963, p. 1, 117.
[180] Бичурин, II, с. 311.
[181] Schafer E.H., 1963, p. 147.
[182] Дар ҳамон ҷо, p. 61.
[183] Дар ҳамон ҷо, p. 64, 296.
[184] Смирнова О.И., 1963, с. 20.
[185] Бичурин, II, с. 281.

## Ҳунармандӣ ва тиҷорат

Кӯҳҳои атрофи Суғд пур аз маъданиёт аст. Мувофиқи маъхазҳои хаттӣ, баъзеи онҳо истихроҷ карда мешуд. Масалан, маълумоти аниқ ҳаст, ки тилло ва навшодир истихроҷ мешуд.[186] Тилло на фақат истихроҷ мегардид, балки миқдори зиёди он аз Суғд, аз ҷумла, аз Кеш ва Маймурғ содир ҳам карда мешуд.[187]

Аз Маймурғ инчунин хӯлаи металлие мекашондаанд, ки номи онро «латун», яъне хӯлаи мису руҳ тарҷума кардаанд.[188] Инчунин намак ҳам истеҳсол карда мешуд. Намакро барои хӯрок ва барои таҳияи анҷоми зинату ороиш истифода мебурданд. Дар маъхазҳо махсусан намаки ранга қайд карда шудааст, ки аз Маймурғ ва Кеш меовардаанд.[189]

Миқдори зиёди истихроҷи маъданиёт, пеш аз ҳама, тақозои эҳтиёҷоти дохилӣ ва фақат қисман талаботи содирот буд. Материалҳои археологӣ оид ба ашёи оҳанӣ хеле гуногун аст. Ин гуна материалҳо махсусан аз ҳафриёти Панҷакент фаровон ба даст омад. Яке аз устохонаҳои оҳангарӣ дар ин ҷо дар объекти севум[190] падид омад. Устохона аз ду бинои пайваст иборат аст. Дар яке аз ин биноҳо дар суфаи паст хуме чаппа шинонда шудааст, ки он вазифаи кӯраро адо мекард. Ғайр аз ин дигар асбобу анҷом ҳам ёфт шуд. Ду найчаи думила низ ба даст омад. Оҳангарони Суғд барои ҳосил шудани ҳарорати баланд ду дамро якбора кор мефармуданд, ки дар натиҷа дар дамидан танаффус намешуд, яъне сикли дамиш анҷом пайдо мекард (дар омади гап, ҳалли ин муаммо дар асрҳои миёна дар назди муҳандисони Аврупои ғарбӣ ҳам истода буд).[191]

Дар дигар устохонаи оҳангарӣ (ки он ҳам аз ду қисм иборат аст) асосан ҷойи кори оҳангар нағз боқӣ мондааст. Кӯра даҳана ва барои дам додан сӯрохе дорад. Андаруни кӯра як тӯда дажғол. Ба фарши устохона ҳам пораҳои оҳан ва дажғол бисёр рехтааст.[192]

Инчунин белчаи кӯра, афзори оҳангарӣ ёфт шуд, ки аз сандон сар карда, то болғаву путку фонаву исканаҳои калонеро дар бар мегирад.

Маҳсулоти оҳангарон гуногун буд. Агар яроқу аслиҳаро ба назар нагирем, анвои он хеле зиёд аст. Ин ҳам олоти меҳнат – белу табару дос ва ғ; ҳам масолеҳи бинокорию дуредгарӣ – мех, кашак, тиргак, ҳалқа ва ғ. буданд. Аз ашёи оҳанини рӯзгор кордҳои гуногуни оҳанӣ, сагаки оҳанию биринҷии тасмаҳо, пулакчаҳои гуногун, қайчӣ, калид, шамъдонҳои гуногуни биринҷию оҳанӣ, ҷиҳози зебу зинат ва ғайраро ном бурдан мумкин аст.[193]

Бо оҳангарӣ истеҳсоли яроқу аслиҳа зич вобаста буд. Оҳангарон дар айни ҳол яроқсоз ҳам буданд, вале аз эҳтимол дур не, ки махсус устоёни яроқсоз ҳам вуҷуд доштанд.

---

186 Дар ҳамон ҷо.
187 Schafer E.H., 1963, p. 754.
188 Дар ҳамон ҷо, p. 257.
189 Дар ҳамон ҷо, p. 217.
190 Беленитский А. М., 1958, с. 117-119.
191 A History of Technology, 1957, p. 643.
192 Беленитский А.М., 1961 а, с. 82.
193 Беленитский А.М., 1958, с. 135-140; 1901, с. 84-85; 1961 б, с. 88-90.

Аслиҳаи ҳамлавари суғдиён аз аслиҳаи дурзану наздикзан иборат буд. Онҳо камонҳои одию мураккаб, шофу шамшер, ханҷар, гурз, табарзин доштанд. Воситаи муҳофизати бадан сипар, зиреҳ, ҷавшан ва хӯд ҳисоб мешуд. Хонандаро ба маълумоти интишоршудаи ҳафриёт ва асарҳои махсус[194] ҳавола карда, фақат ҳаминро қайд менамоем: ёфт шудани худи яроқу аслиҳа (масалан, сипару тир аз кӯҳи Муғ, пайкону пулакчаи камон аз Панҷакент ва ғ., инчунин материалҳои зиёди иконографӣ), ахбори маъхазҳои хаттӣ далолат мекунанд, ки яроқсозӣ соҳаи асосии ҳунармандӣ буд. Ин миқдори азими яроқу аслиҳаро фақат шумораи азими устоҳои яроқсоз тайёр карда метавонистанд. Меҳнати онҳо вазнину пурмашаққат буд, вақти бисёр ва маҳорати баландро талаб мекард. Барои мисол камони мураккабро гирем. Мувофиқи мадракоти таърихию этнографӣ, барои тайёр кардани як дона ин гуна камон аз як то ду сол вақт мерафт. Аз Панҷакент ёфт шудани пулакчаҳои устухонии танаи камон далолат мекунад, ки ин гуна камонҳо дар Панҷакент ҳам тайёр карда мешуданд. Аслиҳаи аъёну ашроф, масалан, шамшер ва ханҷарҳои онҳо, эҳтимол, хеле зебу ороиш доштанду асари мукаммали баландсифати санъати ҳунармандӣ буданд. Дар асоси он нусхаҳои яроқу аслиҳа, ки дастраси мо гардидааст, метавон гуфт, ки яроқсозони Суғд усули таҳияи яроқу аслиҳаи шаклан бадеиро аз худ карда будаанд. Дастаи ханҷару шамшерҳо асари ҳақиқии санъат мешуданд, аз металлҳои қиматбаҳо таҳия гардида, бо усули хотамкорӣ ва пулакчабандӣ зинат меёфтанд, ба онҳо шакли сари аждаҳо ва ғ. дода мешуд. Баъзе сипарҳо ҳам ба ҳамин тариқ хеле зебу зинат дода мешуданд.

Афзалияти яроқу аслиҳаи суғдиён на фақат дар шакли зебову мукаммали зоҳирии он буд. Аз ин ҳам муҳимтараш ҳамин буд, ки яроқу аслиҳаи Суғд корагар буд. Шуҳрати зиреҳу ҷавшани суғдиён дар шарқу ғарб хеле дур паҳн шуда буд. Соли 718 суғдиён чун туҳфа ба Хитой зиреҳ оварданд. Яроқсозони Хитой дар асоси ҳамин зиреҳи суғдиён зиреҳсозиро ёд гирифтанд ва дере нагузашта дар лашкари хитоиён чунин зиреҳҳо пайдо шуданд.[195]

Суғди Самарқанд инчунин макони «ашёи бадеии»[196] баландсифат буд. Номи баъзеи он ашёро мо аз рӯйи маъхазҳои хаттӣ медонем. Ин ашё чилимҳои қиматбаҳо, атрдонҳои хурди аҷоиб мебошанд. Аз Самарқанд, Маймурғ, Кеш ба дарбори подшоҳони аҷнабӣ чун инъом сангҳои қиматбаҳо ва ашёи аз сангҳои қиматбаҳо сохташуда мебурданд. Масалан, аз Самарқанд гулдоне оварда будаанд, ки аз карнелиан сохта шудааст.[197]

Дар расмҳои рӯйи девор бисёр ашёи заргарӣ: табаққо, қадаҳҳо, ҷомҳо ва ғ. тасвир шудаанд. Баъзе ашёе, ки берун аз ҳудуди Осиёи Миёна ёфт шудаанд (масалан, табақи нуқрагине, ки дар деҳаи Кулагиш, собиқ губернияи Перм ёфташуда, алҳол дар Эрмитажи давлатӣ маҳфуз аст), низ аз ҷумлаи асарҳои санъати заргарии суғдиён мебошад[198] ва дар ин табақ саҳнаи ҷанги тан ба тан тасвир шудааст. Дигар асари санъати заргарии суғдиён гуфта баъзан ҳамон табақеро мегӯянд, ки дар он саворе тасвир шудаасту ба тарафи шери ба вай

[194] Масалан, ниг.: Ҷалилов А., 1958, с. 81-95 (тафсири муфид, вале ниҳоят ноқис).
[195] Schafer E.H., 1963, p. 261.
[196] Бичурин, II, 1963, p. 259.
[197] Schafer E.H., 1963, p. 310.
[198] Дар бораи суғдӣ будани ин ашё М.М. Дяконов ва А.М. Беленитский навиштаанд. Номгӯи ашёи торевтикаи суғдиро Б.И. Маршак тартиб додааст.

ҳамлакарда тир мепаронад.[199] Вале ин даъво асоси кофӣ надорад, зеро хатти он суғдӣ нест ва дар он равшан номи шахсе навишта шудааст, ки бо супориши вай ин табақро тайёр карда будаанд. Таҳлили лингвистӣ ба ақидае меоварад, ки табақи мазкур, эҳтимол, дар Эрон, дар давраҳои баъди сосониён сохта шудааст.[200]

Ба туфайли ҳафриёт бисёр ашёи заргарӣ: гӯшвораҳои тиллоии олиҷаноби ақиқсанги фирӯзачашми марвориднигин, ангуштаринҳои нигинашон аз сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва шаддаҳои мухталифи рангинкамони рахшону пурнур ёфт шуданд, ки мисли шабнами саҳарии рӯйи барги гул партав меафканад.

Дар Суғд ҳунари бофандагӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Ба ин бозёфтҳои археологӣ ва хабарҳои маъхазҳои хаттӣ далел аст. Дар Қалъаи Муғ қариб 150 намунаи матоъ ёфт шуд. Гарчанде ин матоъҳо хеле фит гаштааст ва танҳо пораҳои он боқӣ мондааст,[201] ба ҳар ҳол имкон медиҳанд, ки бофти онҳо муайян карда шавад. Мувофиқи ҳисобу китоби М.П.Винокурова, аз 135 намуд матои Қалъаи Муғ, ки ӯ тадқиқ кардааст, 90-тоаш пахтагин, 44-тоаш абрешимӣ ва фақат 1-тоаш пашмин аст (И.Б.Бентович навиштааст, ки «дар байни матоъҳо матои пашмин ниҳоят кам мебошад»). Бофти тамоми матоъҳои пахтагин бофти одии муқаррарии катонӣ аст. Худи ресмон суст ресида шудааст, тугуну гиреҳҳои зиёд дорад, ғафсиаш ҳам гуногун аст. Худи матоъ он қадар зич нест: дар як см. кв. аз 8–10 тору 10–12 пуд, то 10–14 тору 20–15 пуд ва зимнан намунаҳои дурушттарини он ба катони имрӯза монанд. Умуман, аз рӯйи ғафсии ресмон, навъи бофт ва зичии матоъ тамоми матоъҳои пахтагинро ба чор намуд тақсим кардан мумкин. Ягон намуди газвори пахтагини гулдор ёфт нашуд.

Газворҳои соф абрешимӣ ҳам чор намуд доранд. Бофти аксари онҳо мураккаби киперӣ (фарангӣ) ё репсӣ буда, баъзеи онҳо катонӣ ё худ муштараки катонию киперӣ мебошанд. Газворҳои абрешимӣ нисбат ба матоъҳои пахтагин зичтар аст: дар як см. мураббаъ то 39-40 пуд ва 39-40 тор дорад. Умуман, барои бофтани газворҳои абрешимӣ бофанда бояд усулҳои мураккаби бофандагиро азхуд мекард. Баъзе газворҳои абрешимии Қалъаи Муғ бо усули бофти матоъҳои пахтагин бофта шудаанд ва илова бар ин, намуди газворҳои муштараки пахтагину абрешимӣ, ки дар боло зикр намудем, ишорат мекунад, ки бофандаҳо тадриҷан аз усулҳои бофти матоъҳои пахтагин ба усулҳои бофти газворҳои абрешимӣ мегузаштанд. Ба воситаи ресмонҳои гуногунранг дар газвор гул мепартофтанд. Нақши газвор аз қатори маинчаҳо иборат буд, ки дар миёнҷояш гулбарге дорад (чунин газвори гулдор дар расми рӯйи девори Панҷакент ҳаст). Инчунин нақши кунгура ҳам дида мешавад, ки дар миёнҷои ҳар як теғаи кунгура холе ё тарҳи дилшакле ба назар мерасад; ғайр аз ин нақши гули чорбарга, нақши рамзии шохаву гулу барг, нақшҳои мураккаби иборат аз қатори доираҳо ҳаст, ки дар дохили доира гулбарге кашида шуда, атрофи онро шохаву баргу гул печонида гирифтааст ва ғайраву

[199] Забелина Н.Н. ва Ремпел Л., 1948; Пугаченкова Г.А., Ремпел Л.И., 1965, с. 149-150.
[200] Лившитс В.А., Луконин В.Г., 1964, с. 162-163.
[201] Бентович И.Б., 1958, с. 362.

ва ҳоказо. Эҳтимол, баъзе намудҳои газворҳои абрешимӣ аз Хитой ҳам омада бошанд, вале қисми асосии он, бешубҳа, дар худи Суғд тайёр карда мешуд.

Пораи матои пашмин ранги сурх ва рахҳои борики кабудчаи фирӯза дорад.

Албатта, барои бофти ин газворҳо дастгоҳҳои махсус мавҷуд буд. Яке аз қисмҳои дастгоҳи бофандагӣ – шонаи он аз Қалъаи Муғ ёфт шуд (як шонаи бутун ва чанд шикастапораҳои он).[202]

Расмҳои рӯйи девори Варахша (ва дар омади гап, Панҷакент), либоси боён нақшу гули ниҳоят мураккаби рангобаранг дорад – аз қатори одии маинчаҳою гулбаргҳо сар карда, то тарҳи ниҳоят печ дар печи доираҳо, андаруни онҳо расмҳои парандаҳо ва гурозҳо кашида шудааст.[203] Дар расмҳои рӯидевории Панҷакенти қадим матоъҳое тасвир шудаанд, ки нақши онҳо аз суратҳои шерфил ва паранда иборат буда, гирдогирди онҳоро шаддаҳои марворид гирифтааст. Либоси ашхоси суратҳои Афросиёб ҳам аз газворҳои пурнақшу нигор дӯхта шудааст.

Дар музейҳои мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ намунаи шоҳиҳое ҳастанд, ки дар онҳо расми шерҳо, гӯсфандон ва гулбаргҳо ҳастанд. Алҳол ин шоҳиҳои рангпаридаи зардчаи тиратоб ё зарди паст ё кабуди сиёҳча мебошад. Маълум, ки ранги ин шоҳиҳо аввал хеле равшану гӯё буду бо мурури вақт, ғайр аз ранги кабуд, дигар ҳама рангҳо хира шудааст. Масалан, муқаррар гардид, ки замоне ранги ин шоҳиҳо сабзи баланд, симобӣ, гулобӣ, норинҷӣ ва сафеди тоза буд. Баъзе аз ин шоҳиҳо бутун аст ва андозаи ҳар як порчаи он 1,6х2,41 м буда, имкон медиҳад, ки андозаи дастгоҳҳои бофандагӣ ҳам муайян карда шавад. Ба ақидаи муҳаққиқон нақши комил иборат аз қатори доираҳое буд, ки бо изораи мавҷдор фаро гирифта шудааст.

Дар пушти газворе, ки дар шаҳри Юи (Белгия) маҳфуз мебошад, бо сиёҳӣ хатте навиштаанд, ки В.В.Ҳеннинг онро чунин хондааст: «дарозиаш 61 ваҷаб занданичӣ». Мутахассиси номии газворҳои қадимӣ Д.Шепард ин гуна матоъҳоро дар дигар музейҳо ҳам ёфта, хусусияти онҳоро муайян намуд. Вай нишон дод, ки ин газворҳо аз шоҳиҳои хитоӣ фарқи калон доранд ва ин намуд газворҳоро газворҳои суғдӣ номид. А.М.Беленитский ва И.Б.Бентович бо исботу далелҳои иловагӣ ин ақидаро тақвият доданд. Дар маъхазҳои хитоӣ ва дар маъхазҳое, ки воқеаҳои истилои арабҳоро тасвир менамоянд, дар бораи газворҳои абрешимӣ бисёр сухан меравад (яке аз намудҳои он шоҳиҳо «занданичӣ» ном дошт).[204]

Мо дар болои дӯхти либосҳои мардонаву занона, дар бораи намудҳои он ва ғ. таваққуф намекунем. Фақат ҳаминро мегӯем, ки аз рӯйи расмҳои рӯйи девор ҳамаи онҳоро равшан муайян кардан мумкин аст.[205]

«Суғдиён, – менависад И.Б.Бентович, – чармгариро нағз медонистанд». Мешии хушсифати олиҷаноб ба ҷойи коғаз мерафт. «Масалан, ҳуҷҷати

[202] Винокурова М.П., 1957, с. 17-32.

[203] Шишкин В.А., 1963, с. 158-159, 220-221.

[204] Беленитский А.М., Бентович И.Б., Беленитский А.М. ва дигарон, 1963.

[205] Сюан-сзан дар бораи Суғд навиштааст: «Кас ҳар қадар бойтар бошад, ҳамон қадар бештар ӯро ҳурмат мекунанд, вале зоҳиран бой аз камбағал фарқ надорад, ҳатто бойтарин одамон бо қаноат мехӯранду бо қаноат либос мепӯшанд» (Bea1s., 1906, I, p. 27). Вале ин «демократизм» танҳо зодаи хаёлоти Сюан-сзан аст, зеро мадракоти археологӣ ва материалҳои археологӣ оид ба сарулибос ин гапҳои ӯро тасдиқ намекунанд.

машҳури арабӣ (аз Қалъаи Муғ.- Б.Ғ.) маҳз дар чунин мешӣ навишта шудааст. Чарми зардчатоби тунук рӯкаши сипари чӯбин гардидааст. Пораҳои қуттичаи чӯбин ҳам бо чарми сиёҳи заррингул рӯкаш шудааст. Сарпӯши сабади чоркунҷа ҳам як қабат чарми ранга дорад. Мӯзае ҷолиби диққат аст. Дӯхти он айнан дӯхти ҳамон мукиҳоест, ки дар кӯҳистон тоҷикони имрӯза мепӯшанд.[206] Маълум, ки ғайр аз ашёи чармини дар ҳуҷҷатҳои Муғ зикршуда чармгарон афзори аспу ароба, тасма, ғилоф барин чизҳоро ҳам тайёр мекарданд. Дар ҳуҷҷатҳои хаттии Қалъаи Муғ «пӯсти гӯсфанд», «пӯсти барра» ном бурда мешавад, агар гап аз чарм равад, онро боз ҳам тасниф карда, «пӯсти оҳу», «пӯсти гови қисир», «пӯсти ҷавона» гуфтаанд, пӯсти ранга ҳам зикр шудааст.[207]

Мухтасар бошад ҳам, тамоми навъҳои ҳунармандиро тавсиф кардан аз имкон берун аст. Фақат ҳаминро қайд менамоем, ки ҳунарҳои устухонтарошӣ, наҷҷорию дуредгарӣ, кулолӣ ва ғ. хеле тараққӣ карда буд.

Ривоҷи ҳунармандӣ, алалхусус, ривоҷи ҳунармандӣ дар шаҳр боиси равнақи ҳам савдои дохилӣ ва ҳам савдои хориҷӣ гардид. Якчанд маъхазҳо менависанд, ки суғдиён дар тиҷорат «маҳорат» доранд. Таълими бача аз панҷсолагӣ сар шуда, аввал савод меомӯхтанд, сипас, баъди ба синни муайяни балоғат расидан ба онҳо тиҷоратро ёд медоданд. Ҷавонон 20-сола шуда, барои тиҷорат ба мамлакатҳои хориҷа мерафтанд. Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки «аксари мардум ба фоида рағбати зӯр дорад».[208]

Савдои хориҷӣ бо роҳҳои бисёр ба мамлакатҳои шарқ ва ғарб, инчунин ба аҳолии даштҳои шимол бурда мешуд. Масалан, робитаҳои тиҷоратии Осиёи Миёна ва Византия хеле равнақу ривоҷ дошт. Як қисми ин тиҷорат ба воситаи Эрон ва қисми асосии он ба воситаи Кавкази шимолӣ анҷом дода мешуд. Ба Суғд аз Византия шоҳӣ меоварданд. Дар Суғд аз рӯйи намунаҳои онҳо шоҳиҳои аҷоиб мебофтанду боз ба ғарб бурда мефурӯхтанд. Дар сағонаи Мошенная Балка (дар Кавкази шимолӣ) пораи шоҳии суғдӣ ёфт шуд, ки тақлидан ба шоҳиҳои Византия бофта шудааст, вале аз рӯйи бисёр хусусиятҳояш маълум, ки шоҳии суғдӣ мебошад.[209]

Аз «роҳи абрешимӣ»-и Кавкази шимолӣ на фақат шоҳиворӣ, балки бисёр дигар молҳо кашонда мешуд. Дар ин бобат табақи византӣ, ки аз атрофи Кунгур ёфт шуд, ҷолиби диққат мебошад. Бешакку шубҳа, тасвироти онро торевтҳои византӣ кандаанд. Византӣ будани табақро ҳамин ҳам тасдиқ мекунад, ки дар он муҳри устои византӣ ҳаст. Ҳамоно табақ дар Византия дар чоряки дувуми асри VI сохта шудааст. Сарфи назар ба ҳамаи ин дар табақ бо хатти суғдии бухороӣ «подшоҳи Бухоро фалонӣ» канда шудааст. Мувофиқи таҳлили палеографӣ, хат ба охири асри VI ва аввали асри VII тааллуқ дорад. Пас маълум мешавад, ки маҳсули устоҳои византӣ баъди тайёр шудан дере нагузашта то ба Суғди Бухоро расидааст[210].

Бисёр молҳои суғдӣ – аз сангҳои қиматбаҳову ашёи он сар карда, то матоъву газворҳои аҷоиб ба Осиёи Марказӣ ва ба Хитой бурда фурӯхта мешуд.

---

206 Бентович И.Б., 1958, с. 362-371-372. Инчунин ниг.: Иванов С.В., 1952,с. 49 52.

207 Смирнова О.И. ва Боголюбов М.Н., 1963, с. 11.

208 Бичурин, II, с. 310; Chavannes E., 1903, p. 133, п.

209 Иерусалимская А.А., 1967 а; 1967 б

210 Лившитс В.А., Луконин В.Г., 1964, с. 165-167.

Хуллас, ҳаҷми савдои берунӣ хеле калон буд. Дар баробари он савдои дохилӣ ҳам ривоҷ меёбад. Дар ин бора хеле бисёр сикка зада шудани тангаҳои мисин, алалхусус, тангаҳои биринҷӣ шаҳодат медиҳад.

Муомилоти пул дар асрҳои V–VII Суғд дуруст тадқиқ нашудааст. Бисёр тангаҳо, масалан, тангаҳои димнаи Варахша то ба ҳол нашр нагардидааст. Аз асри V сар карда, дар Осиёи Миёна тангаҳои нуқрагине бароварда мешуд, ки он тақлид ба тангаҳои сосонии Пирӯзи I (солҳои 459–484) буд. Дар водии Зарафшон чанд ганҷинаи ин тангаҳо ёфт шуд (дар ҳар як ганҷина садҳо дона танга буд). Ғайр аз ин тангаҳое буданд, ки тақлидан ба тангаҳои сосонии Варахрани V (солҳои 420–438) бароварда мешуданд. Сонитар ин тангаҳо дар Суғди Бухоро воситаи асосии муомилот мешаванд. Ин тангаҳоро одамон «дирамҳои бухорхудотӣ» ё «тангаҳои бухорхудотӣ» меномиданд. Шарқшиноси рус П.И.Лерх[211] оид ба ин тангаҳо махсус асар навиштааст. Сипас, онҳоро бисёр нумизматҳо, аз ҷумла Д.Уокер[212] ва Р.Фрай[213] тадқиқ карданд. Забоншиносон ба кушодани рамзи хатти рӯйи тангаҳо машғул шуданд. Ба ақидаи Ҳеннинг, дар рӯйи тангаҳо «Шоҳи Бухоро» навишта шудааст.[214] Нумизматҳо мувофиқи санаи сикка тангаҳоро ба гурӯҳҳо тасниф намуданд; дар бораи макони сикка зада шудани онҳо тахминҳо ҳаст, вале алҳол ягон қарори қатъӣ нест.

Масалан, дар Суғди Самарқанд дар муомилот тангаҳои маҳаллии биринҷӣ буданд, ки хатти суғдӣ ва дар рӯйи худ расми ду одамро доранд. Вале пули асосӣ ин тангаҳо не, балки тангаҳое буданд, ки дар миёна сӯрохи чоркунҷае доранд ва аз чоряки дувуми асри VII сикка зада мешуданд. Чи қадар бисёр будани ин тангаҳоро ҳамин факт равшан мекунад, ки аз як худи ҳафриёти Панҷакент чандин ҳазор ин гуна танга ёфта шуд. Дар рӯйи танга ду аломат ҳаст, ки гӯё «герб»-и подшоҳиро ташкил медиҳанд ва дар пушти танга номи подшоҳ ва унвони вай сабт шудааст. Аз рӯйи гуногун будани вазну андозаи ин тангаҳо, ки дар давраҳои гуногун ҳар хел мешуд, гуфтан мумкин, ки тангаҳои мазкур чанд қимат дошт.

Тангаи тилло, аз рӯйи ахбори маъхазҳои хаттӣ, дар муомилот иштирок надошт, гарчанде дар катибаҳои суғдӣ «динор» ном истилоҳе дучор мешавад, ки ба маънои «тангаи тилло» омадаасту чун меъёри баҳои ин ё он чиз хизмат мекард.

Дар ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ аксаран тангаҳои нуқрагин – дирҳамҳо зикр шудаанду танҳо як бор тангаи мисро ном бурдаанд.

Ин ҳолат ба таркиби тангаҳои аз Панҷакент ёфтшуда ҳеҷ мувофиқ намеояд, зеро дар Панҷакент аз ҳама бештар тангаҳои биринҷӣ ёфт шудаанд. Аз афти кор, дар рӯзгори рӯзмарра ва харидуфурӯши бозор асосан тангаҳои биринҷиро кор мефармуданд, ки ин аз равнақи муомилоти пулӣ далолат мекунад; агар пули додугирифту харидуфурӯш хеле калон бошад ва ё арзиши харидуфурӯшро дар ҳуҷҷат қайд карданӣ шаванд, дар ин сурат арзишро бо тангаҳои нуқра – дирҳамҳо ифода мекарданд.

---

[211] Лерх П.И., 1875–1909.
[212] Walker S., 1941.
[213] Frye R.N., 1949, p. 24–31.
[214] Chenning W.B., apud Frye R.N., 1949, p. 28–29.

Ба қудрати иқтисодии Суғд ҳамин чиз далолат мекунад, ки тангаҳои ихшидҳои Суғд дар ҷойҳои хеле дур аз Суғд ёфт шудаанд.

## Мустамликадории Суғдиён

Мустамликадории суғдиён дар ин давра, аз як тараф, ба ҳаёти тиҷоратию иқтисодӣ ва, аз дигар тараф, ба протсессҳои умумии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста буд, ки дар дохили худи ҷамъияти суғдиён ҷараён дошт.

Яке аз самтҳои мустамликадории суғдиён Ҳафтрӯд буд. Дар миёнаҳои асри VII Сюан-сзан Ҳафтрӯдро аллакай кишвари Су-ли, яъне Суғд номидааст.[215] Наршахӣ вақте дар бораи шӯриши Абрӯй ҳикоят мекунад, баъзе воқеаҳоеро низ меорад, ки камубеш бо мустамликадории суғдиён алоқаманд мебошад. Дар асри XI Маҳмуди Кошғарӣ дар бораи Суғд бисёр маълумоти гаронбаҳо овардааст. Вай мардуми ин ноҳияро «суғдак» номида, менависад, ки «мардуми сокини Баласоғун аз он Суғде омадаанд, ки байни Бухоро ва Самарқанд ҷой дорад, вале либосу кирдори онҳо туркӣ шудааст». Дар асрҳои X–XI дар топонимияи Ҳафтрӯд бисёр номҳо суғдӣ буд.[216]

А.Н. Бернштам маълумоти маъхазҳои хаттӣ ва мадракоти археологиро муқоиса намуда, ақидае пеш ниҳод, ки Ҳафтрӯдро мустамлика кардани суғдиён ду марҳала дошт – марҳалаи аввал дар асрҳои III–V (ё IV) ва марҳалаи дувум аз асри VII ва зимнан марҳалаи дувум боз чанд давраҳо дошт, ки ба истилои арабҳо ва тохтутозҳои Сосониён алоқаманд мебошад. Вай ба пайвасти маданияти муҳоҷирони суғдӣ ва маданияти кӯчманчиён диққати калон додааст.[217] Дарвоқеъ, ҳафриёти минбаъдаи археологӣ нишон дод, ки дар водии Чу осори ҳаёти мутараққии муқимӣ аз асрҳои V–VI пайдо шудаанд.[218] Бешакку шубҳа, дар ин бобат хизмати суғдиён калон аст, зеро маҳз онҳо дар шаҳрҳо косибӣ ва тиҷорат мекарданду зоҳиран бо киштукор ҳам машғул буданд. Он кӯчманчиёне, ки ба ҳаёти муқимӣ мегузаштанд, низ дар шаҳрҳо маскан мегирифтанд.

Мисли давраҳои пешина мустамликаҳои Суғд дур аз ҳудуди худи Суғд ҳам мавҷуд буданд. Э.Г.Пуллейблэнк, ки ин масъаларо хуб тадқиқ кардааст, ба масъалаи мазкур чунин тавсиф медиҳад ва мо (қариб комилан) ба фикрҳои вай розӣ ҳастем: «Суғдиён, ки на фақат савдогарони абҷиру кордон, балки ҳунарманду косибони гулдаст низ буданду динҳои навро тарғиб мекарданд, ҳам қад-қади роҳҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ, ҳам дар ноҳияҳои дурдасти Хитой ва ҳам дар байни кӯчманчиён дар дашту саҳроҳо саёҳат мекарданду маскун мешуданд. Натиҷаи ин, масалан, ба туркҳо таъсири маданӣ расондани суғдиён, аллакай маълум шудааст». Сипас, муҳаққиқ нишон медиҳад, ки суғдиён нисбат ба ӯйғурҳо низ чунин ролро иҷро карда буданд. Баъди Осиёи Миёнаро ишғол кардани туркҳо муносибати байни онҳо ва суғдиён, ки пеш аз ин ҳам вуҷуд дошт[219], хеле наздиктар шуд. Дар зимни ин муносибат на фақат бо туркҳои ғарб мустаҳкам гардид. Дар боргоҳи хоқони туркони шарқ, дар

[215] Beal S., 1906, I, p. 26.
[216] Дар ин бора ниг.: Бартолд В. В., 1964, с. 466–467.
[217] Бернштам А. Н., 1940, с. 34-43.
[218] Кожемяко П. Н., 1959, с. 168–169.
[219] Кляшторний С.Г., 1955, с. 278–281; Кляшторний С.Г., Лившитс В.А.,1971, с.143-144.

Муғулистони ҳозира бисёр суғдиён зиндагонӣ мекарданд. Зиёда аз ин маълум шуд, ки суғдиён баъди заволи Оли Суй ба ноҳияи Ҳом ҳатто соҳиб ҳам шудаанд. Онҳо ба туркони шарқ итоат доштанду дар давраҳои сонитар ҳам дар ин ноҳия ҳукмронӣ мекарданд. Дар чоряки дувуми асри VII зери роҳбарии Кан Ян-тян ном самарқандӣ суғдиён маконеро дар Лоб Нор обод карда нишастаанд ва дар ин ҷо, дар шаҳре, ки аҳли он кайҳо онро тарк карда будааст, маскун шудаанд ва дар ҳамин ҷо се деҳа ҳам сохтаанд.[220] Яке аз ин деҳаҳо «Токзор» (Путаочэн) ном доштааст ва дар он токи бисёре будааст.[221] Мувофиқи рӯйхати аҳолӣ, ки дар миёнаҳои асри VIII тартиб дода шуда буд, дар ноҳияи Дунхуан дар қарияҳои суғдиён самарқандиҳо аз ҳама зиёдтар будаанд, баъди онҳо миқдори аҳли дигар шаҳрҳо ба тартиби зерин будааст – Бухоро, Тошканд, Сао (ду Сао буд –яке Кабудон ва дигаре Истаравшан), Тахористон, Кушония, Маймурғ ва Кеш.[222]

Тоҷирон, ҳунарманду косибон, рӯҳониёну воизон, сарбозу лашкаркашон ва ғайраи Суғд дар таърихи Осиёи Марказӣ – аз Тибету Ладак (дар ин ҷо катибаи суғдии Нӯшофарин ном самарқандие ёфт шуд, ки, ба қавли вай, азми Тибет доштааст) сар карда, то худи Муғулистон роли муҳим мебозиданд. Дар бобати Туркистони шарқӣ, гуфтан лозим, ки аз ин ҷо ҳам бисёр осори катибаҳои суғдӣ ба даст омада, далолат намуд, ки суғдиён дар таърихи ин кишвар мақоми намоён доранд ва таъсири онҳо ба тамоми ҷанбаҳои маданияти ин сарзамин, алалхусус, ба санъати он ниҳоят калон аст.

### Кашфи Қалъаи кӯҳи Муғ ва ҳафриёти Панҷакенти қадим

Дар тадқиқи давраҳои аввали таърихи асримиёнагии Суғд кашфиёту тадқиқотҳои археологӣ чунон мақому аҳамиятеро соҳиб аст, ки зоҳиран ин гуна мақому аҳамияти онҳо дигар дар ҳеҷ куҷо ба назар намерасад. Мо борҳо ба ин гуна мадракоти археологӣ истинод кардем. Дар болои материалҳое, ки аз Қалъаи кӯҳи Муғ ва аз Панҷакенти қадим ба даст омадаанд, андак муфассал таваққуф мекунем.

Аҳли деҳаи Хайробод (дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ) аз давраҳои қадим ҷоеро медонистанд, ки онро «Қалъаи Муғ» мегуфтанд ва ин ном дар адабиёти илмӣ ба шакли «Қалъаи кӯҳи Муғ» маъмул шуд. Дар ибтидои солҳои 30-юм аҳли деҳа ба ин ҷо бисёр омадурафт доштанд ва, инак, баҳори соли 1932 Ҷӯраалӣ ном подабон як сабад ва дар он як варақ коғази абрешимӣ ёфт, ки ба кадом як хатти аҷоиби ғалатӣ ким-чиҳо навишта шуда буд. Хатро на маҳмадоноҳои деҳа ва на аҳли саводи Ӯротеппа хонда натавонистанд. Тирамоҳ ин хабар ба гӯши котиби райкомпартия Абдулҳамид Пӯлодӣ расид, ки ба таъриху маданияти қадим майлу рағбати зӯр дошт. Вай бо як дидан пай бурд, ки варақ варақи одӣ не ва онро фавран ба Душанбе фиристод. Айнан дар ҳамон вақт, яъне соли 1932 бо таклифи КМ Партияи коммунистии Тоҷикистон ва Ҳукумати республика, бо қарори Президиуми АФ СССР Базаи тоҷикистонии

220 Pulleyblank E.G., 1952, p. 317–354.
221 Pelliot P., 1916, p. 122.
222 Чугуевский Л.И., 1971.

АФ СССР таъсис ёфта буд. Аввалин роҳбари он шарқшиноси оламшумул С.Ф. Олденбург таъйин шуд. Мутахассисони База муқаррар карданд, ки хат ба забони ӯйғурӣ ё суғдӣ навишта шудааст ва баҳори соли 1933 расми дастнависро ба эроншиноси номии советӣ А.А.Фрейман доданд. Вай муқаррар кард, ки хат ба забони суғдӣ ва бо ҳуруфи суғдӣ навишта шудааст. Бозёфти подабон кашфиёти бузурги илмӣ гардид. Осори катибаи суғдиён хеле пеш ҳам маълум буд (онҳо аз Туркистони шарқӣ ёфт шуда буданд). Соли 1932 катибаи суғдӣ маҳз дар хоки худи Суғд ёфт шуд – оре, хатти суғдӣ аз худи Суғд баромад – аз ин хабар дили кадом олим ба тапиш намеомад![223]

А.А. Фрейман ба Душанбе омад, бо нусхаи аслии хат шинос шуд, таърихи ёфта шудани онро ба тафсил пурсида гирифт ва инак, ақидае пайдо шуд, ки дар назари аввал гӯё хаёли хом менамояд – дар ҷойи ёфтшудаи хат бояд боз дигар хатҳо ҳам бошад. Бо маслиҳати А.А. Фрейман ба Қалъаи Муғ як гурӯҳ ходимони базаи тоҷикистонии АФ СССР рафтанд. Аҳли республика бо иштиёқи тамом мунтазирии кашфиёти нав гардид. А. Пӯлодӣ дар чунин шароит тобистони соли 1933 ба кофтуков сар кард. Албатта, гуфтан даркор, ки вай археолог набуд ва эҳтимол, дар ин кор саҳву ғалат ҳам карда бошад, вале ҳар чи ҳам набошад, ба ғайрату ҷидду ҷаҳди вай қоил шудан даркор. Моҳи июл зиёда аз бист ҳуҷҷат ва чанд ашёи моддӣ ба даст омад. Совети Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон барои давом додани ҳафриёт қарори махсус қабул карда, маблағу воситаҳои лозимиро дод.

Тирамоҳи ҳамон сол ба сари ҳафриёт котиби илмии Базаи тоҷикистонии АФ СССР А.И.Василйев бо як гурӯҳ олимону мутахассисон омад. Ана ҳамон вақт ба кофтукови қалъа шурӯъ карданд; А.И.Василйев боз 21 дастхат ёфт. Бо қарори идораҳои роҳбарикунандаи Тоҷикистон моҳи октябр як экспедитсияи калону мукаммал таъсис дода шуд, ки роҳбари он А.А.Фрейман буд. Ноябри соли 1933 А.И.Василйев дар ҳайати ҳамин экспедитсия Қалъаи кӯҳи Муғро кофтуков кард. Сонитар (дар соли 1947) Л.Воронина кори А.И.Василйев сар кардаро анҷом дод.

Кӯҳе, ки дар болои он харобаи қалъа ҷой дорад, як харсанги босалобати яклухти ҳаштодметраест, ки дар соҳили чапи дарёи Зарафшон, дар қарибии бо он ҳамроҳ шудани дарёчаи Қум воқеъ гардидааст. Се тарафи ин харсанг об ва тарафи чорумаш роҳи росту фарози мушкилгузар мебошад. Майдончаи болои кӯҳ замоне девори сангин доштааст ва қалъа ба ин сабаб қариб тамоман фатҳнопазир мешуд. Дар ин майдонча харобаи биное менамояд, ки замоне дуошёна будааст. Ҳангоми оғози ҳафриёт фақат харобаҳои ошёнаи якум менамуду бас. Иморат шаклан росткунҷаи нобаробаре буду паҳлуҳои он 18,5–19,5 м буд. Ошёнаи якум чунин биноҳо дошт: чор хонаи дарозу борик, ки ба қадди иморат баробар буданд (бари ҳар як аз ин хонаҳо 1,9-2,25 м) ва дар шимоли ин хонаҳо долони аз ин ҳам бориктари кӯндаланге буд, ки тамоми он чор хонаро ба ҳам мепайваст. Аз ин долон даре ба берун кушода мешуд. Таҳ-

[223] И.Ю. Крачковский ин воқеаро чунин ба қалам додааст: «Соли 1932 эроншиносони Ленинград ҳама сахт ба ҳаяҷон омаданд – овоза паҳн шуд, ки дар Тоҷикистон ким-чи хел дастнависҳои суғдӣ ёфт шудааст. То ба ҳол дар худи Суғд ин хел чизҳо ёфт нашуда буд, фақат дар мулкҳои туркистонии он ёфт шуда буд. Дар ин мобайн овоза зӯртар шуд, ки дар Қалъаи Муғ дар соҳили Зарафшон ким-чи гуна осори архив ёфт шудааст» (Крачковский И.Ю., 1945, с. 94).

курсии деворҳо аз хишти пухта ва сардевориҳо аз хишти хом буд. Худи бино калон нест. Ягон зебу ороиш надорад ва як қалъаи муқаррарии дидбонӣ аст.

Дар рафти ҳафриёт маълум шуд, ки ҳуҷҷатҳо (шумораи онҳо аз 80 гузашт ва аз ҷумлаи онҳо 74-тоаш суғдӣ буд) дар баландии 50-70 м аз фарш, дар таги шикастапораҳои фурӯрафтаи шифт хобидаанд. А.И.Василйев дуруст тахмин кард, ки бино аслан дуошёна буду ҳуҷҷатҳо дар ошёнаи дувум меистоданд. Дар рафти ҳафриёт на фақат ҳуҷҷат, балки бисёр ашёи маданияти моддӣ низ ба даст омад ва номгӯи онҳо ба 400 расид. Алалхусус, сафолот бисёр аст. Ашёи бофта – сабадҳои гуногун ҷолиби диққатанд. Ин сабадҳо ниҳоят бо ҳавсала бофта шудаанд ва тарзи бофти онҳо бо бофти тоҷикони Помир шабоҳат дорад.



**Ҳуҷҷати суғдии Қалъаи Муғ. Хатти никоҳ**

Ашёи чӯбинро махсус қайд кардан даркор – карсону табақ, тугмаву сагак, белу қошуқ барин чизҳо хеле бомаҳорат сохта шудаанд. Сандуқчаи чӯбине кирои зикр аст, ки бо чарми сиёҳи тунук рӯкаш гардидааст ва дар сарпӯши он

ба шакли ситораҳои ҳаштгӯшаи сурх нақши аҷоибе ҳаст. Дигар ашёи нодир сипари чӯбин аст, ки низ рӯкаши чармин дорад ва дар рӯйи он сурати рангоранги аспу савори мусаллаҳ кашида шудааст. Матоъҳое, ки аз он ҷо ёфт шудаанд, асосан пахтагӣ, абрешимӣ ва пашмӣ мебошанд. Алалхусус, саргиракҳои тӯрӣ ҷолиби диққат аст, ки аз ресмони пахтагӣ бофта шудааст ва осори бағоят аҷоибу олисифат ва беҳамтою бесобиқаи санъати тӯрбофии Осиёи Миёна мебошад.[224] Аз ҷумлаи асбоби ҷангӣ ғайр аз сипаре, ки дар боло зикр кардем эҳтимол, ин сипари ҷангӣ не, балки сипари маросимӣ ҳам бошад), боз ғилофи чӯбини ханҷар, пайконҳои оҳанӣ, тирҳои найӣ, чӯбӣ ва чӯбунайиро номбар кардан даркор. Инчунин ашёи шишагин, шаш дона танга ва боқимондаҳои зироат ёфт шуд.



**Сипаре, ки сурати аспсавор дорад. Қалъаи Муғ**

Тамоми ин бозёфти фаровон дар бораи хусусияти маданияти моддии суғдиён бори аввал маълумоти муфассал дод ва кашфиёти ҳуҷҷатҳои хаттӣ, ки бозёфти беамсоли даврон ҳисоб мешуд, дарак медод, ки баъди кушодани рамзи он роҷеъ ба таърих ва маданияти маънавӣ мадракоти гаронбаҳо ба даст хоҳад омад. Ба шарофати меҳнати пурмашаққату шадиди А.А.Фрейман кушодани рамзи дастхатҳои суғдӣ оғоз ёфт ва ин корро шогирдони вай М.Н.Боголюбов, В.А.Лившитс, О.И.Смирнова анҷом доданд, матнҳои арабиро И.Ю.Крачковский ва В.А.Крачковская хонда, шарҳ доданд.

Тадқиқи ин материалҳо имкон дод, ки санаи бунёди Қалъаи Муғ ва давраи истеҳсоли ашёи он аниқ муайян карда шавад. Роҳнамо як ҳуҷҷати арабӣ шуд, ки дар матни он В.А.Крачковская ва И.Ю.Крачковский зуд номи «Дивасти»-ро хонданд (суғдиёнро «Дивашгич», «Диваштак» мегуфтанд) ва ин ном дар маъхазҳои роҷеъ ба Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо зикр шудааст. И.Ю.Крачковский баъди 10 соли ин кашфиёт дар китобаш «Над арабскими рукописями» («Дар сари дастнависҳои арабӣ») тафсилоти воқеаро хеле аниқу дақиқ ва бо обуранг тасвир кардааст. Дар хотима вай гуфтааст: «Дар ҳақиқат,

[224] Дар маъхазҳои хитоӣ як навъ ашёи бофта зикр шудааст, ки аз Самарқанд меовардаанд ва Э.Шэфер номи онҳоро «hair brocade» тарҷума кардааст (Schafer E.N.,1963, p. 202), вале аниқ муайян карда натавонистааст, ки он чӣ бошад. Шояд ин чиз худи ҳамон саргиракҳои тӯрӣ бошад, ки аз Қалъаи Муғ ёфт шуд.

номи Диваштич мифтоҳи тамоми кор гардид – яъне на фақат хатти арабиро фаҳмонда дод, балки барои тадқиқи ҳуҷҷатҳои суғдӣ заминаи мустаҳкам фароҳам овард. Диваштак ҳокими суғдиён будаасту маҳз боқимондаҳои архиви вай дар Қалъаи Муғ ба дасти экспедитсия афтодааст. Номи дигар волии араб, ки Диваштич мактубро ба вай ирсол карда буд, ба осонӣ муайян шуд ва маҳз ҳамин ном имкон дод санаи мактуб аниқ карда шавад ва он соли садуми ҳиҷрӣ, яъне тақрибан солҳои 718–719 будааст».

Аллакай феврали соли 1934 дар Ленинград, дар маҷлиси Академияи фанҳо, ки ба экспедитсияи Қалъаи Муғ бахшида шуда буд, натиҷаи он, аз ҷумла, аввалин кӯшиши кушодани рамзи дастнависҳои суғдӣ ва хондани ҳуҷҷатҳои арабӣ арз карда шуд. И.Ю.Крачковский хеле дуруст гуфтааст, ки: «...Ин тантана буд, тантанаи экспедитсия буд, ки илмро бо маълумоти бесобиқа ғанӣ кард, ин тантанаи илм буд, ки қудрати худро равшан нишон дод ва дар пеши назари ҳама дониши моро ба зинаи баландтаре баровард.[225]

Фақат ҳаминро илова кардан даркор, ки ба ин тантана ҳам як подабони одӣ ва ҳам котиби райкомпартия ва ҳам роҳбарони идораҳои республикавӣ ва ҳам шарқшиносони оламшумули советӣ саҳми худро гузоштанд.

Ҳамаи ин диққати олимонро ба ҳавзаи болооби Зарафшон кашид. Дар он вақтҳо дар Тоҷикистон муассисаҳои археологӣ вуҷуд надоштанд, вале олимоне буданд, ки мехостанд гузаштаи республикаро тадқиқ намоянд. Яке аз ҳамин гуна одамони ташаббускор археологи кишваршинос В.Р.Чейлитко ном шахси кордони боғайрате буд. Вай солҳои 1934–1937 ҳавзаи болооби Зарафшонро тадқиқ карда, аз ҷумла, дар Панҷакенти қадим андак ҳафриёт гузаронд. Аз ахбори мухтасару беробитаи рӯзномаҳо дар бораи ин ҳафриёт маълумоти муфассал гирифтан мумкин не, вале шубҳае нест, ки натиҷаи ин ҳафриёт хеле хуб буд. Вале тавсифи бозёфтҳо бисёр камбудиҳо дорад. Аммо дар айни ҳол бояд иқрор кард, ки В.Р.Чейлитко аҳамияти димнаи Панҷакенти қадимро дуруст муайян намуд ва ояндаи онро низ дуруст пешгӯӣ кард, ки ба туфайли тадқиқоти ин димна як шаҳри калони бутун падид меояд, ки пеш аз истилои арабҳо вуҷуд дошт ва ба ин шаҳр «таъсири асрҳои минбаъда нест, зеро баъди дар ибтидои асри VIII хароб шудан мардум дигар ба ин ҷо манзил накарданд. Ба туфайли ҳафриёт бисёр асарҳои санъат, тамғаҳо ва сафолот ёфт шуд.

Вале тадқиқи илмии Панҷакент фақат пас аз 10 сол оғоз ёфт. Соли 1946 «Экспедитсияи археологии суғдшиносии тоҷик» ном экспедитсияи калони илмӣ ташкил карда шуд. Дар кори экспедитсия се муассиса – Институти таърихи маданияти моддии АФ СССР, Филиали тоҷикистонии АФ СССР ва Эрмитажи давлатӣ ширкат доштанд. Аъзо - корреспонденти АФ СССР, забардасттарин шарқшинос ва археологи советӣ, шогирди В.В.Бартолд – А.Ю.Якубовский роҳбари экспедитсия таъйин карда шуд. Вай соли 1946 бо як гурӯҳ олимон ба Панҷакент омад. А.Ю.Якубовский димнаро бодиққат тафтиш кард ва бо маълумоти В.Р.Чейлитко шинос шуда, ба хулосае омад, ки дар ин маҳал ҳафриёти калон ташкил намудан зарур аст. Вай ҳамин нуктаро дар назар дошт, ки «Панҷакенти қадим дар замони ислом вуҷуд надошт». А.Ю.Якубовский мехост маълумоте ҷамъ кунад, ки он имкон диҳад дар бораи шаҳрҳои то истилои араб вуҷуддошта ақидае баён карда шавад. Вай масъалаи

[225] Крачковский И. Ю., 1945, с. 97–98

тадқиқи Panҷакенти қадимро аз гӯшаву канору тангкӯчаҳои сарбастаи кишваршиносӣ берун баровардa, ба шоҳроҳи илми советӣ ҳидоят намуд. То вопасин дами худ (соли 1953) А.Ю.Якубовский роҳбари ҳафриёти Panҷакент буд. Баъди сари вай ба ҳафриёт М.М.Дяконов роҳбар шуд (вафоташ соли 1954), аз соли 1954 роҳбари ҳафриёт А.М.Беленитский мебошад.



**Порчае аз силсилаи расмҳои «Рустамнома». Panҷакент**

Харобаҳои Panҷакенти қадим 60 км шарқтари Самарқанд, дар канори Panҷакенти имрӯза ҷой гирифтааст. «Дар ҳамин ҷо, дар соҳили баланди Зарафшон димна воқеъ аст. Пеш аз ҳафриёт ин ҷо заминҳои лалмӣ буду дар вусъати майдони лаби дарё тарҳи базӯр аёни девори қалъа ва бурҷҳои он ба назар мерасид. Агар кас ба болои яке аз ин харобаҳои бурҷҳо барояд, сатҳи худи димнаро медид, ки он майдоне буд пур аз теппаю дӯнгию дӯнгичаҳои гуногунсохту гуногуншакл. Ин майдони худи шаҳр буд, ки сонитар ба он истилоҳи шаҳристонро нисбат доданд. Вусъати шаҳристон 19 га ва масофаи гирдогирдаш 1750 м аст. Девори шаҳристон фақат дар шимол ва шарқ рост аст, дар ҷануб ва ғарб бошад, ба пастию баландии маҳал мувофиқ шуда, каҷу килебу пастубаланд мебошад. Дар тарафи ғарбии шаҳристон бошишгоҳи ҳоким – арк ҷой дорад, ки замоне бо деворҳои қалъа як истеҳкоми томро ташкил медод. Арк дар болои теппаи 30-метра воқеъ буда, аз шаҳристон бо сое ҷудо аст. Дар тарафи шарқӣ ва ҷанубу шарқии шаҳристон ҳавлиҳои наздишаҳрӣ ҷой дошт, ки он гӯё ибтидои работҳои шаҳрҳои давраи мутараққии асрҳои миёна буд. Дар ҷануби шаҳристон чанд теппачаҳо ҳаст, баъди ҳафриёт маълум шуд, ки онҳо новусҳои зардуштӣ будаанд. Пас, қабристон ҳам дар ҳамин ҷо будааст.

Шаҳристон кӯчаҳои бисёр дорад. Бари кӯчаҳои шаҳр 3–5 м буда, онҳо гоҳ мутавозӣ мераванд ва гоҳ ба ҳам пайваста мешаванд. Дар ду тарафи кӯча маҳаллаҳои сершумор, дӯкону устохонаҳои бисёр ҷой дошт. Масалан, дар яке аз кӯчаҳое, ки шартан № 3 номида шуду ба тӯли 100 м муфассал тадқиқ гардид,

дар як тарафаш маҳаллаҳои XIII ва VI ва дар тарафи дигараш маҳаллаҳои III, XX, VII ва XVI ёфт шуд, ки ҳар яке аз даҳҳо ҳавлиҳо ва зиёда аз 100 бино иборат аст.

Масалан, маҳаллаи истиқоматие, ки шартан «объекти III» ном гирифт, дар гӯшаи шимолу шарқии шаҳр ҷой дорад ва росткунҷаи тақрибан дурусте мебошад, ки аз шимол ба ҷануб тӯл кашида, андозааш 190х35 м аст. Тарафи ғарбии маҳалла дар тӯли 100 м ба шакли девори яклухт аст, ки панҷ дарвоза ва як айвон дорад, вале ҳамин ки ба ҷануб тоб хӯрд, шаклаш дигар мешавад. Тарафи шарқии маҳалла хеле бисёр дарвозаву айвон дорад. Ба ақидаи О.Г.Болшаков, тамоми маҳалла аз ҳашт ҳавлӣ иборат буда, дар ҳар як ҳавлӣ 10–15 иморат ҳаст.[226]

Ҳавлӣ аз бинои болохонадор иборат мебошад, ки аз хонаи поён ба хонаи боло бо роҳи моил ба баландӣ баромадан (пандус) мумкин аст. Маркази ҳавлӣ толори калони чоркунҷа мебошад. Девори ғафсу баланди бедарвоза як ҳавлиро аз дигар ҳавлӣ ҷудо кардааст.

Сохти объекти VI–XIII назар ба объекти III он қадар ботартиб нест. Биноҳои ин ҳавлӣ ба девори қалъа пайваст буда, дар гардишҳои он ҷойҳои холӣ мондааст, ки мисли рӯйдаричаҳо мебошад. Б.Я.Ставиский дар ин ҷо бисёр ҳавлиҳоро муайян намудааст, ки ошёнаи якуми онҳо аз чор то даҳ хона доранд. Дар якчанд аз ин ҳавлиҳо толори калони ташрифот ҳаст, ки ба он долони шервонисақф мебарад, ғайр аз ин чанд хонаҳои иловагӣ дорад ва барои ба ошёнаи дувум баромадан баромадгоҳи моили зинамонанд сохта шудааст. Ҳамаи ин ҳавлиҳо ба ҳавлии объекти III монандӣ дорад.

В.Л.Воронина муайян кардааст, ки иморати ҳар як ҳавлӣ ба ду тақсим мешавад: ба хонаи ташрифот ва хонаи истиқоматӣ. Ҳавлиҳои бойтар дарвозахонае доштанд, ки ба намуди айвон сохта шуда буд. Хонаҳои поён одатан шервонисақф ва шифти онҳо хеле баланд буд (то 5 м) ва таг-таги девор барои хуфтухоб суфаҳо сохта шуда буд. Хонаҳои поён андак ториктару салқинтар ва хонаҳои боло равшантару сабуктар сохта мешуду, эҳтимол, хонаҳои тобистонӣ буданд ва ба он ба воситаи баромадгоҳи моил ё бо зина ба баландӣ баромадан мумкин буд. Чӣ тавре дар боло ҳам қайд кардем, маркази ин ҳавлиҳо толори калони чоркунҷае мебошад (андозаи онҳо ба ҳисоби миёна 50-80 $м^2$). Гирдогирди даруни толор суфа дошт ва суфаи рӯбарӯи дари даромад баланду барҷаста буд. Шифти толор аз чӯби муқаррарӣ буда, ба чор сутун такя мекард ва дар миёнҷо равзан дошт. Саросари деворҳои толорро пур аз нақшу нигор ва танаи сутунҳоро кандакорӣ мекарданд. Ҳайкалҳои чӯбин ҳам дар ин толорҳо меистоданд.

Ҳар як ин гуна ҳавлӣ бошишгоҳи ашрофе мебошад, ки барои истиқомати худи соҳиби ҳавлӣ ва аҳли хонаводаи вай хонаҳои зиёде дошт, барои хизматгорону анбору ошхонаву ва ғ. низ хонаҳо буданд (баъзан онҳоро аз хонаҳои асосӣ ҷудо месохтанд) ва инчунин толори ташрифот буд, ки он вазифаи меҳмонхонаи ҳавлии бойи асрҳои XIX ва аввали XX-уми тоҷикро иҷро мекард.

---

[226] В.Л. Воронина дар ин ҷо 14 биноро муқаррар кардааст.

Дар қатори ин гуна ҳавлиҳои калон дар маҳаллаҳо ҳавлиҳое буданд, ки толори ташрифот надоштанд; хеле хоксорона ва ҳатто фақирона буданд ва, зоҳиран, дар ин ҳавлиҳо шаҳриёни қаторӣ зиндагӣ мекарданд.

Яке аз ҳавлиҳои объекти VI сохти махсус дорад. Дар ин ҳавлӣ чор толори ташрифот ҳаст, аз ҷумла, толори росткунҷаи ташрифот, ки андозааш 12,7Х7,9 м мебошад. Дар ин толор 100 қол ёфт шуд, дар байни расмҳои рӯйи девор лавҳи нардбозӣ ҳам кашида шудааст. В.Л.Воронина мегӯяд, ки ин толор «толори махсуси бозӣ буд», вале ин гапи ӯро исбот кардан мумкин набошад ҳам, ба ҳар ҳол ҷойи шубҳа нест, ки ин ҳавлӣ ҳавлии ҷамоатӣ буд.

Сохти ҳавлиҳо бетағйир намемонд. Онҳоро васеъ мекарданд, борҳо аз нав месохтанд.

Дар солҳои охир муайян шуд, ки хонаҳои алоҳида-алоҳидаи (баъзан иборат аз ду қисми) сари кӯчаҳо, ки бевосита ба кӯча дар доштанд, чӣ гуна хонаҳо будаанд. Дар ҷойи тадқиқшудаи чоркӯча зиёда аз чил адад ин гуна хонаҳо баромад. Дар баъзе ин гуна хонаҳо кӯра, пораҳои пахшшудаи оҳани гудохта, дошҳои пури дажғол ва дигар осори касби ҳунармандӣ падид омад. Дар ҳамин хонаҳо нисбат ба дигар навъ хонаҳо танга бисёр ёфт шуд. АМ.Беленитский мегӯяд, ки ин хонаҳо устохона ё дӯкон мебошанд ва ё ҳам устохонаву ҳам дӯкон мебошанд ва ин иддаои ӯро беасос гуфтан мумкин нест.



**Шиваи Панҷакент**

Як силсила ин гуна хонаҳо пайваста ба як ҳавлии хеле бой сохта шуда, дар пеш майдончае дорад, ки ба кӯча мебарояд ва шумораи он хонаҳо ба 11 мерасад. Пеши тамоми ин 11 хона як айвон дошт. Бозорҷойҳо дар қади кӯчаҳои шаҳр воқеъ буданд. Чунончи, дар давраи мутараққии асрҳои миёна чунин буд, дар он давраҳо низ бозор ҳам ҷойи истеҳсол буду ҳам ҷойи хариду-фурӯш.

Ба қавли А.М.Беленитский, «ҳафриёти солҳои охир тасаввуроти пешинаро роҷеъ ба тартиби кӯчаҳои шаҳр ба куллӣ дигар кард. Маълум шуд, ки кӯчаҳои шаҳр кӯчаҳои росту батартибе мебошанду хонаҳоро ба маҳаллаҳои муайян тақсим мекунанд. Бешак, майдонҳо низ буданду андозаҳои гуногун доштанд.[227]



**Мусаввараe дар мазмуни ҳикоёти мурғе, ки тухми заррин меовард. Панҷакент**

Дар қисми шимолии димна пастхамии калоне ҳаст, ки замоне майдон буд. Дар ғарби ин майдон ду теппаи калоне ҳаст, ки замоне ду иморати ҷамоатии ба ҳам пайваста буд ва, одатан, алҳол онҳоро маъбад мегӯянд – маъбади ҷанубӣ (№ 1) ва маъбади шимолӣ (№ 2). Маъбадҳо ҳам аз ду қисм иборат – худи бинои маъбад ва ҳавлии маъбад, ки чанд иморатҳои истиқоматӣ ва хоҷагиро дар бар мегирифт. Гуфтан даркор, ки маъбади № 2 дар мобайни ҳавлӣ ҷойгир шудаасту чор тарафи онро хонаҳои гуногун печонида гирифтаанд (тӯли ҳавлӣ аз шарқ ба ғарб 75–80 м ва аз шимол ба ҷануб 60 м). Маъбади № 1 бошад, дар як кунҷи ҳавлӣ истодаасту фақат як тарафаш рӯ ба ҳавлӣ мебошад. Маъбад дар болои таҳкурсии баланд сохта шуда, нисбат ба ҳавлӣ болотар аст. Кас, ҳамин ки ба ҳавлӣ даромад, рост рӯбарӯи дарвоза дар пеши маъбад роҳрави болопӯшидаи ду тарафаш кушодаеро медид, ки бомаш бар шаш сутун устувор буд (тӯли ин роҳрав қариб 21м аст).

[227] Беленитский А.М., 1956, с.179-186, 194-195. Барои ин тавсифу таъвили ҳафриёти шаҳристон асарҳои дигар роҳбарону иштирокчиёни ҳафриёт, ки нашр шудаанд, низ истифода бурда шуд (Беленитский А.М., 1958; Болшаков О.Г 1964; Воронина В.Л., 1958, 1964; Ставиский Б.Я., 1964, б; Распопова В.И., 1971, Исоқов А. И., 1977 ва дигарон).

Дар охири ин роҳрав айвони чорсутунаи чоркунҷае рӯ ба ҳавлӣ, яъне рӯ ба шарқ сохта шуда буд (андозаи ин айвон дар як маъбад 7,58X8,1 м ва дар маъбади дигар 8,1X10,3 м). Аз ин айвон ба ибодатгоҳе даромадан мумкин, ки андак дарунтар воқеъ асту тарҳаш чоркунҷа мебошад. Аз ду тараф ва дар қафои маъбад роҳрави болопӯшидаи сутундори ду тарафаш кушодае воқеъ буд, ки бо ҳамин гуна роҳрави пеши маъбад пайваст мешуд. Девори толорҳои марказӣ чорсутундор ва девори айвонҳо пур аз расму сурат мебошанд ва, аз афти кор, замоне дар ин ҷо ҳайкалҳои гилӣ ҳам будаанд. Дарвозахонаи маъбади № 2 бо нақши гилӣ зинат дода шуда буд. А.М.Белинитский исбот кард, ки як қисми ин нақшу нигор аҳамияти маросимӣ дошт ва инчунин таърихи ин иморатҳоро муайян намуд.



**Кандакории рӯйи чӯб. Панҷакент**

Ин иморатҳо алҳол хароб шуда бошанд ҳам, ҳоло ҳам салобати онҳо касро зер мекунад. Меъмор нияти муайяне доштааст ва бо маҳорати тамом ин нияти худро ба амал баровардааст. Аз роҳрави қаторсутуни болопӯшидаи ду тарафаш кушодаи майдон бинои марказии маъбад хеле бошукӯҳ менамояд. «Маъбад дар болои таҳкурсии баланд, болотар аз ҳама ва дар миёнҷои ҳавлӣ ҷо дошт ва баромадгоҳи моили зинамонанди васею бошавкати худ қатори сутунҳои мавзуну нозуки худ ва толорҳои музайяну муқарнасии худро бо ғурури тамом ҷилва медод. Аҷаб намуде дошт қатори назаррабои сутунҳои он, нақши назокатомезу пурлатофати сутуну муҷассамаҳои он ва саҳаргоҳон,

вақте анвори заррини офтоб ба даруни айвонҳо фурӯ мерехт, нақшу нигори он ба тобиши рангинкамон партав меафканд».[228]

Ҳамаи ин ҳафриёт қабати болоии шаҳристонро ошкор намуд, ки ба асрҳои VII–VIII нисбат дорад.

Ин давра давраи авҷи тараққиёти шаҳр буд ва онро истилои арабҳо қатъ намуд. Дар баъзе ҷойҳои шаҳр осори сӯхтори азиме менамояд, ки, эҳтимол, соли 722 пеш аз милод ва ё худ андак сонитар (то солҳои 738/39) ба вуқӯъ омадааст.

Тақрибан солҳои 738–740 шаҳр боз барқарор мегардад. Вале баъдтар дар солҳои 70-уми асри VIII, эҳтимол, ба муносибати шӯриши Муқаннаъ арабҳо Панҷакентро боз хароб карданд ва ин дафъа зиндагӣ дар шаҳристону работ дигар эҳё наёфт.[229]

Дар баъзе қитъаҳои шаҳр шабакаҳои поёнтар ҳам тадқиқ карда шуд ва маълум гардид, ки ҳам арк ва ҳам шаҳристони деворпеч, ҳанӯз дар асри V ва ибтидои асри VI пайдо шуда будааст. Маҳз дар ҳамин давра шаҳр тараққӣ мекарду ташаккул меёфт.[230]

«...Панҷакент шаҳри ҳақиқӣ буд. Тамоми вусъати он пур аз иморатҳои ду ва сеошёна буд, ки онҳо маҳаллаҳои калонро ташкил медоданд ва ба ҳамдигар зич ҷой гирифта буданд. Вақти ҳафриёт дар ду тарафи кӯчаҳои танг дӯконҳои сершумори савдогарону косибон ёфт шуд, ки ба масофаи калон тӯл кашидаанд. Алҳол зиёда аз сад иморатҳои серхонаи панҷакентиҳои қадим кашф гардидаанд. Қариб сеяки ин иморатҳо, яъне на фақат хонаи аъёну ашроф, балки қариб ҳамаи хонаҳои шаҳриёни доро толорҳои бошукӯҳе доранд, ки бо нақшунигори муҷассамаҳо зинат ёфтанд. Ба туфайли ҳафриёт маълум шуд, ки дар Панҷакенти қадим санъати монументалӣ ниҳоят маъмул будааст, ҳол он ки ин ақида ба гӯшаи хаёли касе намеомад. На фақат маъбадҳо, на фақат қасри шоҳ, балки даҳҳо хонаҳои аҳолии одии шаҳр он қадар осори рассомию ҳайкалтарошӣ доштаанд, ки ҳар яки онҳоро музеи санъат гӯем ҳам, хато намешавад».[231]

Дар айни вақт бо ҳафриёти дигар қисмҳои шаҳр А.И.Тереножкин ба кофтукови арк сар кард. Солҳои охир дар ин қитъаи ҳафриёт археологи ҷавон А.Исҳоқов бомуваффақият кор мекунад.

Онҳо муқаррар карданд, ки арк иборат аз бурҷи марказӣ, ки ба майдончаи пеши арк пайваста мебошад ва, инчунин чанд иморати поёнӣ дорад, ки рӯ ба шаҳристон сохта шудаанд. Маҳз дар ҳамин ҷо якчанд иморатҳои калони ташрифотӣ, аз ҷумла, толорҳои бузург ёфт шуданд, ки суфаҳои бисёр доранд. Миёнҷои иморат толори азимест, ки (10x12,5) нишемангоҳи чуқуре дорад. Инчунин шикастапораҳои чӯбии таҳкурсии тахт ҳам ёфт шуд. Девори тамоми хонаҳо пур аз расму суратҳои олиҷаноб мебошад, вале онҳо аз сӯхтор сахт зарар дидаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки ин харобаҳои қасри Диваштич бошад.[232]

---

228 Воронина В.Л., 1957, с. 131. Дар бораи тавсифи муфассали ҳафриёти маъбадҳо ва дигар бозёфтҳои он ҷо ниг.: Беленитский Л.М., 1950 б; 1958, с. 105-113 ва дигарон.

229 Болшаков О.Г., 1964, с. 118-120

230 Беленитский А.М., 1967, с. 8-9; Маршак Б.И., 1964.

231 Беленитский А.М., Маршак Б.И., 1976, с. 75.

232 Тереножкин А.И., 1950 а; Ставиский Б., 1950; Исҳоқов А., 1971.

Қитъаи наздишаҳрӣ 20–25 га вусъат дорад. Ин ҷо саросар иморат нест, балки ҷо-ҷо ҳавлиҳо алоҳида ба назар мерасад. Солҳои 1951–1953 нуҳ ҳавлӣ ёфт шуд, ки пеш аз ҳафриёт фақат теппаҳои холӣ буданд. Яке аз ин теппаҳо, ки алоҳида меистод, 2,5 м баландӣ ва 22Х16 м вусъат дошт.

Дар натиҷаи ҳафриёт тарзи сохти ҳавлиҳо ҳам ошкор шуд. Иморати ҳавлӣ ғайр аз даҳлез боз се хонаи дигар, долон ва баромадгоҳи зинамонанд дорад. Тамоми биноҳо нисбатан дуруст боқӣ мондаанд. Дар хонаи аз ҳама даруntар чархуште ёфт шуд, ки он далели ҳамин аст, ки аҳли ин ҳавлӣ машғули шаробпазӣ буд. Дар дигар хонаҳо аҳли хонаводаи соҳиби ҳавлӣ зиндагӣ мекарданд. Яке аз биноҳо, эҳтимол, оғилхона буд.

Баъзан чанд метр дуртар аз хонаҳо новусҳо, яъне сағонаҳо низ ёфт шудаанд, ки бошандагони қитъаи атрофи шаҳр мурдаҳои худро дар он ҷо мегӯронианд.[233]

Гӯристони шаҳр аз девори ҷанубии шаҳристон тақрибан ним километр дуртар воқеъ буд. Ҳозир дар ин ҷо 70 хоктеппаро дидан мумкин (пештар дар ин ҷо камаш 2–3 баробар бештар хоктеппа будааст). Сеяки онҳо кофта шуданд ва маълум гардид, ки ин хоктеппаҳо ҳамон новусҳое буданд, ки ба он ҷо устухондонҳоро мегузоштаанд. Ин новусҳо ҳуҷраи равоқдореанд, ки баъди устухони мурдаро ба он гузоштан дари онро лойбанд мекарданд. Вусъати ин ҳуҷраҳо одатан 4-5 $м^2$ буда, баъзан то ба 10 $м^2$ мерасид. Дар таги девори ҳуҷра суфачаҳо бардошта, ба болои он устухондонҳоро мемонданд.[234]

Дар рафти ҳафриёт дар бораи бинокорӣ, санъати меъморӣ ва дигар намудҳои косибии ҳунармандӣ материали зиёде ба даст омад.[235]

## Самарқанд, Варахша ва дигар бошишгоҳҳои шаҳрӣ

Маркази Суғд шаҳри Самарқанд буд. Шаҳр дар димнаи Афросиёб ҷой дошт.[236] Вусъати димна 219 га аст. Дар Афросиёб Н.И. Веселовский, В.В. Бартолд, В.Л.Вяткин ҳафриёт гузаронидаанд. Ҳафриёте, ки А.И. Тереножкин дар Афросиёб гузаронд, асоси он донишҳои ҳозиразамоне гардидаанд, ки роҷеъ ба Афросиёб вуҷуд доранд. Тадқиқоти муфассали археологҳои ӯзбек, ки бо роҳбарии марҳум В.А.Шишкин ва Я.Г.Ғуломов дар Афросиёб гузаронда шуд, боиси кашфиётҳои калон гардид. Вале бисёр масъалаҳои таърихи асрҳои VI–VIII Самарқанд алҳол равшан нест.

Ба ақидаи А.И.Тереножкин, ин давра давраи тараққиёти Самарқанд буд.[237] Дар қисми шимолии шаҳр арк ва дар қисми ҷанубии он шаҳристон ҷой дошт. Дар ин давра ҷануби шаҳр, ки хеле калон шуда рафта буд, ду қатор девор дошт (тӯли деворҳои атрофи шаҳристон қариб 2 км буд), дар шимол шаҳр бо

[233] Болшаков О.Г. ва Неъматов Н. Н., 1958; Воронина В.Л., 1958, с. 203– 209.

[234] Воронина В.Л., 1957, с. 133-135; Ставиский Б.Я. ва дигарон, 1953.

[235] Тавсифи муфассали рафти ҳафриёт ва таъвили материалҳои бадастомада дар асарҳои А.Ю.Якубовский, М.М.Дяконов, А.М.Беленитский ва дигарон оварда шудааст.

[236] Ба ақидаи В.А.Лившитс, номи аслии суғдии Афросиёб «Паршавоп» будааст (маънои «Паршавоп»- «Бар оби сиёҳ», яъне «Канори дарёи сиёҳ» мебошад, онро ба тоҷикӣ Порсиёб талаффуз мекардагӣ шуданд ва дар асрҳои минбаъда калима ба худ шакли «Афросиёб»-ро гирифт - Лившитс В.А., 1965 а, с. 5).

[237] Тереножкин А.И., 1950 б, с. 161. Муқоиса кунед: Массон М.Е., 1950, с. 160-161 (дар Самарқанд «ба андозае беҳтар шудани зиндагӣ ба назар мерасидааст»).

ҷариҳои соҳили дарёи Сиёб маҳдуд мешуд. Ҳар ду қатори девори шаҳр дар масофаи 8-10 м дур аз ҳамдигар мутавозӣ тӯл мекашид ва девори дарунӣ нисбат ба девори берунӣ хеле мустаҳкамтар буду бурҷҳои он ҳам шоҳмотвор ҷойгир буданд. Ин девори дуқатора (онро девори дувум ҳам мегӯянд) ба қисми муҳофизатшавандаи шаҳр, инчунин ҳамон маҳаллаҳои атрофи шаҳрро низ дохил мекард, ки дар асрҳои IV–V сохта шуда буданд. Вале дар асрҳои VI– VII, баъди он ки девори дуқатора сохта шуд, шаҳр боз вусъат ёфта, аз ҳудуди деворҳо берун рафт ва қад-қади канали асосӣ ба тарафи ҷануб паҳн шуд.

Инак, Самарқанд дар асрҳои VI–VII хеле мустаҳкам шуда буд. Бе исботи иловагӣ ҳам равшан, ки ду қатор девор шаҳрро нисбатан дастнорас мекард. Дарвозаи ҷанубии шаҳр дар ҷое сохта шуда буд, ки он бо ду девор, ба шакли нимдоира ба ҳам пайваст мешуд ва агар душман аз дарвоза ба дарун дарояд, ба як роҳрави сарбастае меафтоду аз чор тараф тирборон карда мешуд. Дарвозаи шарқӣ аз ин ҳам мустаҳкамтар буд – дар ду тарафи ин дарвоза ду бурҷи баланд меистоду аз дарун боз як девор буд, ки гузаргоҳи пинҳонӣ дошт.[238]

Солҳои 1965–1968 ва дар солҳои минбаъда, тахминан дар мобайни димнаи Афросиёб комплекси азими меъморӣ – қасри ҳоким кашф гардид. Аз ин ҷо зиёда аз сӣ хона ёфт шуд. Майдони умумии ҳафриёт аз 1 га зиёд аст. Яке аз толорҳои асосии кашфшуда толори шаҳнишини 1 мебошад. Ин толори калони чоркунҷаест, ки андозааш 11х11 м буда, даромадгоҳаш аз тарафи шарқ аст. Шифти толор ба сутунҳо такя мекунад. Қад-қади таги девор суфаи васеъ тӯл кашида, рӯбарӯи даромад суфа хеле пеш мебарояд ва дар он ҷо тахт меистодааст. Деворҳои худи толор, долонҳои беруни он ва деворҳои дигар хонаҳои ҳамшафати он саросар аз расму сурат пур мебошанд. Аз толори дигар, ки тарҳаш мисли толори асосӣ бошад ҳам, нисбат ба он андак хурдтар аст, асбоби ашёи чӯбини кандакорӣ ва ҳайкалчаҳои чӯбини нимсӯхтаи раққосаҳо ёфт шуд.[239]

Яке аз калонтарин марказҳои Суғди Бухоро димнаи Варахша буд. Онро солҳои 1938–1939 ва 1949–1954 В.А.Шишкин тадқиқ кард. Қисми асосии димнаи Варахша теппаест, ки шаклан тақрибан секунҷа мебошад. Вусъати он 9 га ва баландиаш тақрибан 10 м аст. Баландии харобаҳои арк бошад, аз 9,5 м зиёд нест (аслан баландии он 30 м будааст). Ин иморати калоне буд, ки (андозаи тарафҳояш 31 м) таҳкурсии яклухти похсагӣ дошт. Дар ғарбтари арк қасри бухорхудотҳо воқеъ буд. Ин қаср иморату бинои зиёди хурду калон дошту ҳамаи онҳо ба саломхонаи бузурге мепайваст, ки дар тарафи ғарбии қаср воқеъ буд. Толорҳои ташрифот қатор-қатор ҷой доштанд. Баъзеи онҳо хеле калон буд. Деворҳои қаср пур аз нақшунигори аҷоиб ва расму суратҳои пурмазмун буд. Рӯбарӯи қаср, аз афти кор, маъбаде сохта будаанд, ҳавлиҳои шаҳриён дар қисмҳои шимолӣ, шарқӣ ва ғарбии Варахша ҷой дошт.[240]

Аз дигар шаҳрҳои воҳаи Бухоро Пайкандро ном бурдан мумкин, ки вусъати он ба 20 га мерасид. Ин шаҳр ҳам қалъа ва арк дошт.[241]

---

[238] Пачос М.К., 1967, инчунин ниг.: 1966.
[239] Шишкин В.А., 1966; Албаум Л.И., 1971; Албаум Л.И., 1975.
[240] Шишкин В.А., 1963; Нилсен В.А., 1936, с. 35-36.
[241] Якубовский А.Ю., 1940 - саҳ 51-84, Нилсен В.А., 1966, с.17.

Кофирқалъа [242] ва табақаҳои болоии Тали Барзу[243] ҳам ба димнаҳои ноҳияи Самарқанд нисбат доранд.

Ба шарофати ҳафриёти чандинсолаи Б.Я.Ставиский дар саргаҳи Зарафшон ҳам бисёр бошишгоҳҳо ва қалъаҳо кашф ва тадқиқ гардиданд. Масалан, 12 км дуртар аз Қалъаи Муғ дар канори деҳаи Мадм Б.Я.Ставиский ва Ю.Ёқубов Гардони Ҳисор ном димнаеро тадқиқ карданд ва он қасри калонест, ки дар болои теппае ҷой гирифтааст. Қаср дар сӯхторе нобуд шуда будааст. Худи қаср биноҳои бисёр, аз ҷумла, саломхона ва намозгоҳ доштааст. Аз ин ҷо намунаҳои аҷоиби чӯбҳои кандакорӣ ба даст омад. Дар водии Моғиён ҳам бисёр асарҳои қадима тадқиқ шудаанд. Умуман, дар саргаҳи Зарафшон зиёда аз 50 осори даврахои аввали асрҳои миёна ёфт шудааст.[244]

Ва ниҳоят, бинобар тадқиқоти С.К.Кабанов, дар Суғди ҷанубӣ дар ноҳияи Қашқадарё ҳам дар аввалҳои асрҳои миёна бисёр шаҳрҳои калон воқеъ будаанд.

## Бинокорӣ

Дар бобҳои пешина мо камубеш бисёр масъалаҳои бинокориро аз назар гузарондем. Дар аввалҳои асрҳои миёна дар Суғд ва, умуман, дар тамоми Осиёи Миёна масолеҳи асосии деворзанӣ похса ва хиштҳои калони хом буд (андозаи онҳо аксаран 50-52х 25-26х10-12 см). Хишти пухта хеле кам истифода мешуд (асосан барои фарши хона ва ғ. истифода мебурданд). Барои такяи болору забарравҳо асосан сутунҳои чӯбинро кор мефармуданд. Чӯб дар бомпӯшӣ ҳам масолеҳи асосӣ буд.

Деворҳоро ба дараҷае ғафс мекарданд, ки ҳоҷат ба таҳкурсӣ ҳам намемонд. Фақат дар якчанд ҷой таҳкурсӣ ёфт шудааст. Масалан, дар Варахша дар таги сутунҳо аз хишти хому пухта пойсутуни чуқуре сохтаанд (чуқуриаш қариб то 2 м), маъбади Панҷакент ҳам таҳкурсӣ дошт. Фарши хонаҳо асосан гиландова буда, баъзан онҳоро аз хишти хом ва ҳатто аз хишти пухта ҳам мекарданд (масалан, дар Панҷакент ва Варахша). Дар кӯҳистон фарши хонаро аз санг месохтанд.

Чор навъи девор маъмул буд – похсагӣ, хиштӣ, похсагии хиштӣ ва хиштии похсагин. Ғафсии деворҳо ба ҳисоби миёна 1 -1,6 м буд. Хонаҳо бо даҳлезу долонҳое пайваст мешуданд, ки болои онҳо бо чанд усул пӯшида мешуд. Тоқҳоро аз хишти хом мебардоштанд. Дарҳоро аз тахта месохтанд, баъзан дарҳоро дуқабата ҳам мекарданд ва сохти ин дарҳо ба муддати мадид бетағйир мондааст ва онҳоро, ҳатто ҳозир ҳам, дар баъзе иморатҳои тореволютсионии тоҷикон дидан мумкин аст – яъне ҳамон дари ду забонакдор, ки забонакҳои он дар хонаҳои тагдарию болодарӣ ҷой гирифта, тоб мехӯранд. Агар хона тангу борик буда, бари бомаш аз 3 м зиёд набошад, болои онро бо хишти хом бо усули шервонии моилтоқӣ мепӯшиданд, ки ин усули бомпӯшӣ ҳанӯз дар Шарқи Қадим истифода мешуд. Болои хонаҳои нисбатан хурди чоркунҷаро гунбазпӯшӣ мекарданд. Масалан, дар Афросиёб хонаи бомаш гунбазие ёфт

---

[242] Шишкин Г.В.,1961; Нилсен В.А., 1966 с. 23-25.

[243] Григорев Г.В., 1940 а.

[244] Ставиский Б.Я., 1957 а; 1961, в, г; 1964 а.

шуд, ки 4,3х4,3 м вусъат дорад. Хонаҳои калонтар боми муқаррарии сутундор доштанд. Масалан, толорҳои чоркунҷаи Панҷакент дар миёнҷо, андак дуртар аз ҳамдигар, чор сутун доранд, ки дар шифт бо чорчӯбае пайваст шудаанд ва як нӯги болорҳо дар ҳамин чорчӯба ва нӯги дигари онҳо ба забаррави девор устувор карда мешуд. Мобайни чорчӯба холӣ мемонду мӯривор бардошта мешуд ва вазифаи равзанро иҷро мекард (масалан, дар Помир ва водии Қаротегин баъзеи хонаҳо ҳозир ҳам бо чунин тарз сохта мешавад).

Чӯбу тахтаҳои нимсӯхтаи зиёд, ки аз ин биноҳо ёфт шуд, далолат мекунад, ки дар хонаҳо кату тахтакатҳои[245] тахтагӣ будааст. Дигар навъҳои ҷиҳози хона аз рӯйи расми деворҳо аён аст.

## Санъати тасвирӣ

Осори санъати тасвирӣ аз Панҷакенти қадим, Варахша ва Самарқанд падид омад.

Дар Панҷакент дар 60 хона расми рӯйи девор ёфт шуд. Ин шумораи зиёд нишон медиҳад, ки одати ороиши деворҳои хона дар байни суғдиён то чи андоза маъмул будааст, ҳол он ки то ба рӯзҳои мо аз он санъати бузурги ороиш фақат резаҳое омада расидаанд.

Доир ба санъати тасвирии Панҷакенти қадим бори аввал А.Ю.Якубовский, М.М.Дяконов, А.М.Беленитский мақолаҳо чоп кардаанд. А.Ю.Якубовский ҷиҳатҳои аҳамияти умумитаърихии тасвирҳо, М.М.Дяконов хусусиятҳои услубии тасвирҳо ва А.М.Белинитский мазмуну мундариҷаи тасвирҳоро таъвил додаанд. Тасвирҳое, ки дар солҳои охир ба даст омадаанд, бо эҳтимоми А.А. Беленитский интишор шудаанд (вале, мутаассифона, фақат қисми ками онҳо).

Аксари толорҳои ташрифот деворҳое доранд, ки вусъати онҳо то ба 100 м$^2$ ва ҳатто беш аз ин аст ва чанд қатор расмҳои болоӣ ҳам доранд. Сюжети расмҳо хеле гуногун аст. Беш аз ҳама тасвири кадом як достони қадимае ба назар мерасад. Масалан, дар толори 41-уми объекти VI қариб 40 м$^2$ сурат ёфт шуд ва дар омади гап, тамоми сурат аз поён то сари девор нағз боқӣ мондааст. Тамоми вусъати девор бо изораҳои уфуқӣ ба чанд табақа тақсим карда шудааст. Дар яке аз пораҳои девор чор табақа ҳаст, ки табақаи аз поён дувумаш нисбатан кам осеб дидааст. Дар заминаи кабудранги девор як манзараи томе инъикос шудааст, ки аз деворе ба деворе гузашта, ба масофаи 15 м тӯл мекашад ва қариб нисфи вусъати тамоми деворҳои толорро фаро гирифтааст. А.М.Беленитский сурати мазкурро чунин ба қалам додааст: «Манзара аз ҳашт лавҳа ва ё худ саҳна иборат буда, қаҳрамони асосии онҳо ҳамон як паҳлавони самандсавор аст. Дар саҳнаи аввал паҳлавони самандсавор дар сари як даста саворони зиреҳпӯш истодааст, ки, аз афти кор, дар азми сафар мебошанд. Дар лавҳаи дувум паҳлавони самандсавор каманд ба душмани худ меандозад, ки вай ҳам савор аст. Дар лавҳаи севум паҳлавони аспсавор бо аждаҳо ҷанг карда истодааст. Дар лавҳаи дигар боз худи ҳамон паҳлавон тасвир шудааст, ки пешопеши дастаи сарбозон меравад ва зимнан мурдаи аждаҳо дар таги пойи саворон хобидааст. Дар лавҳаи панҷум паҳлавон

[245] Воронина В.Л., 1934, с. 78-87.

бо душмане муҳориба дорад, ки он ҳам савор асту дар гирду атрофаш дигар ҳамсафонаш бо тӯдаи девон задухӯрд мекунанд. Ниҳоят, дар лавҳаи охирин паҳлавони аспсавор бо дигар сарбози аспсавор муҳориба дорад». Аждаҳое, ки дар лавҳаҳои севум ва чорум тасвир шудааст, танаи дарози морпечи ҳалқа-ҳалқа дорад, ки охираш ба шакли бадани аз миён болои зан кашида шудааст ва сараш сари модашерро ба ёд меоварад. Эҳтимол, аждаҳо бол ҳам доштааст, вале инаш равшан не. Аз ҷароҳатҳои танаи аждаҳо шуълаи оташ фаввора мезанад. Танаи девҳо ба танаи одам монанд, сари онҳо ҳам мисли сари одамӣ, вале андомашон ниҳоят бадҳайбат, мисли буз, барзагов шох доранд ва пойҳояшон мисли пойҳои буз. Ду дев саворaи аробаҳои ҷангӣ задухӯрд мекунанд.

Ба А.Беленитский муяссар шудааст, ки манзараҳои ин суратро ба як достони конкрети эпикӣ, яъне достони Рустам бо ҳамдигар марбут созад. Дар «Шоҳнома» дар байни корнамоиҳои Рустам ҷанги Рустам бо аждаҳо, гирифтор шудани Авлод ба дасти Рустам, ҷанги Рустам ва Аржангдев, куштани Рустам Деви Сапедро инъкос шудааст.[245a]

А.М.Беленитский, инчунин он манзараҳои корзорро, ки дар он замон ширкат доранд, низ суратҳои эпикӣ мешуморад. Дар қадим занони Осиёи Миёна дар муҳорибаҳо, дар ҳақиқат, иштирок мекарданд ва ривояти корномаҳои аҷоиби Таҳминаву Заррина барин занони шуҷоъ дар асарҳои муаррихони пешина зикр гардидааст. Корномаи ин гуна занон асоси достону ривоятҳои шарқиэронӣ шудаанд ва минбаъд дар дигар осори санъат низ тасвир ёфтаанд. Шаммае аз ин ривоятҳо дар «Шоҳнома» низ ба назар мерасад.[246]

Бисёр суратҳо дар мавзӯи дин ва маросимоти динӣ ҳастанд. Яке аз онҳо лавҳаи сӯги навҷавони марҳумест, ки, ба ақидаи А.Ю.Якубовский, қаҳрамони афсонавии Осиёи Миёна – Сиёвуш мебошад (дар омади гап, дар ин бора дигар фикрҳо ҳам ҳастанд). Инчунин сурати олиҳаи чордастаро низ ном бурдан лозим, ки А.М.Беленитский ва баъди вай бисёр дигар муҳаққиқон онро сурати Нана (Нанайя) мегӯянд. Ҷолиби диққат аст, ки дар тангаҳои маликҳои Панҷакенти қадим номи ин олиҳа ба назар мерасад ва ин далолат мекунад, ки оли ҳукмрони Панҷакент ба ин олиҳа ибодат доштааст. Парастиши ҷисмҳои осмонӣ ҳам, дар суратҳои рӯидеворӣи Панҷакент акс ёфтааст.

Бисёр суратҳои рӯидеворӣи Панҷакенти қадим мавзӯъҳои гуногуни фолклорӣ ва масалҳо оид ба ҳайвонотро инъикос менамоянд. Дар ин бора А.М.Беленитский гуфтааст: «Ба ин лавҳае мисол шуда метавонад, ки дар он қаҳрамони афсона духтареро, ки бо ҷодуи касе андаруни танаи дарахт банд шуда будааст, озод мекунад. Ин гап ба пайдоиши мундариҷаи дигар суратҳо низ дахл дорад, ки он то алҳол аз рӯйи афсонаи машҳури «мурғи бахт» маъмул аст ва он зимнан дастраси фолклори тамоми олам гардидааст. Сурати начандон калоне ҷолиби диққат мебошад, ки дар он харгӯше тасвир ёфтааст ва ин харгӯш бо гапфурӯшиҳои дилфиреб шерро маҷбур мекунад, ки худро сарозер ба гирдоб партояд ва бо ҳамин тадбир тамоми ҳайвонот аз зулми шер

---

[245a] Беленитский А.М., Ставитский Б.Я., 1959, с. 62-66; Беленитский А.М., 1967, с. 23.
[246] Беленитский А. М., 1960.

раҳо мешаванд. Ин сурати хушобуранг тасвири басо дақиқи ҳикоятест, ки дар маҷмӯи афсонаҳои ҳиндӣ «Панчатантра» оварда шудааст».[246а]



Нақши рӯйи девори қаср. Варахша

Рассоме, ки суратҳои рӯйи деворро кашидааст, аз ҳаёти гирду атрофи худ низ бисёр сюжету мундариҷаҳоро гирифтааст. Манзараи ҷангу муҳорибаҳо чунон печдарпечу боварибахшу пуртаъсир мебошанд, ки бинандаро дар ҳайрат мегузоранд. Лавҳаҳои базму зиёфат низ бисёр ба назар мерасад. Инчунин дигар падидаҳои зиндагӣ, масалан, тасвири нардбозӣ, гӯштингирӣ барин лавҳаҳо низ дучор мешаванд, илова ба ҳамаи ин бисёр нақшунигори меъморӣ низ ҳастанд, ки танҳо вазифаи зинати иморатҳоро иҷро мекунад.

Муҳаққиқон дар рафти тадқиқи суратҳои рӯидевории Панҷакенти қадим муқаррар карданд, ки ин суратҳо ба чанд услуб ва дар вақтҳои гуногун анҷом дода шудаанд.[247]

Вале таносуби мукаммали бенуқси ҳайратангези ин суратҳо баръало аён аст ва аксари онҳо бо латофату заковату назокати худ касро моту мабҳут мекунанд. Хусусан, касро расми духтараки уднавоз мафтун мекунад – қиёфаи пурандеша, чашмони хумор ва ангуштони нозуки вай, ки рӯйи торҳо ҷавлон мезананд, дар ҳақиқат, таъсири фавқулодае доранд. Ё худ боз як расмро гирем: ду савора – яке мард, дигаре зан. Ҳар ду паҳлу ба паҳлу ба рӯйи якдигар

---

[246а] Беленитский А.М., 1967, с. 24-25.

[247] Ғайр аз асарҳои номбурда боз ба баъзеи дигар асарҳои асосӣ ниг.: «Живопись древнего Пянджикента» (маҷм. мақ.), М., 1954; «Скульптура и живопись древнего Пянджикента» (маҷм. мақ.), М., 1959.

нигоҳкунон рафта истодаанд, – мо намедонем, ки онҳо куҷо рафта истодаанд, чиҳо гуфта истодаанд, вале ин ду нафар, ба назари мо, гӯё зиндаанд, замони онҳо ба қаъри асрҳо фурӯ рафта бошад ҳам, онҳо ба чашми мо гарм менамоянд ва таҷассуми олами томи образҳои бадеӣ мебошанд.

Суратҳои рӯидевории Варахша ҳам басо диққатталаб ва пурмаъно мебошанд. Дар толори сурхи қасри Варахша дар болои суфаҳо лавҳае ба назар мерасад ва он бо як мазмуну мундариҷа бандубаст шудааст – дар лавҳа филсавороне тасвир ёфтаанд, ки аз ҳамдигар ба фосилаи баробар ҷой гирифтаанд. Махлуқоти гуногуни бадҳайбат (баъзеи онҳо зоҳиран шерони сурхранг мебошанд) ва ё мурғони сафедболи фӯлодминқори шерчангол аз чор тараф ба филҳо ҳамла мекунанд. Суратҳои толори шарқӣ тамоман дигар аст. Дар яке аз деворҳо як гурӯҳ ҷанговарони савор менамоянд. Дар маркази дигари сурат расми бузурги шоҳе тасвир шудааст, ки дар болои тахт нишастааст ва пояҳои тахтро суратҳои шутурҳои болдор зинат медиҳанд. Дар чапу рости тахт суратҳои зиёд, расми ҷойи қурбонӣ кашида шудааст. Боқимондаҳои суратҳои рӯидеворӣ дар дигар хонаҳои қаср низ ёфт шуд.[248]

Чӣ тавре дар боло зикр карда будем, дар Афросиёб ҳам хонаи калоне ошкор гардид, ки суратҳои олиҷаноб дорад. Дар яке аз деворҳо сурати равоқе ҳаст, ки дар болои он мардону занони бисёре нишастаанд. Дигар толори ташрифот (вусъаташ 11х11 м) яке аз хонаҳои марказии қаср мебошад. Дар девори шарқии ин хона сурате ёфт шуд, ки мазмунан ба об алоқа дорад – мавҷҳои кабуд кашида шудаанду рӯ-рӯйи он одамону парандагону моҳиён шино мекунанд. Дар девори ҷанубӣ қофилае тасвир шудааст, ки ба тарафи қаср меравад ва дар саҳни қаср низ мардуми бисёре истодаанд. Худи қофила асари мукаммали санъати тасвирӣ мебошад ва дар он одамоне акс ёфтаанд, ки савори фил, уштур ва аспҳо пеш мераванд. Аз ҳама пеш фили сафед меравад ва дар тахти равони болои фил кадом як бойзане нишастааст, ки эҳтимол, шоҳ духтар ё малика бошад. Дар сағрии фил, дар пушти тахти равон канизаки шоҳдухтар тасвир ёфтааст. Аз паси фил се зани аспсавор менамоянд. Дар дасти яке аз онҳо чунин ибораи мухтасар ба забони суғдӣ сабт шудааст: «Ақрабои малика». Аз паси онҳо ду марди мусаллаҳи шутурсавор мераванд, ки дар даст чӯбдасти салтанат доранд, боз чор парандаи сафед инъикос шудааст, ки онҳоро ду марди даҳонбаста гирифта мераванд ва ниҳоят боз як саворе ба назар мерасад, ки нисбат ба дигарон ду баробар калонтар кашида шудааст. Шояд, ки ин маросими арӯсбиёрони сафир бошад (духтари филсавор арӯсу марди аз ҳама калон кашидашуда сардори сафорат). Дар девори дигар лавҳаи қабули сафирон тасвир шудааст ва сафирон намояндагони қавму тоифаҳои гуногун мебошанд.[249] Дар бари ҷомаи яке аз сафирон матни суғдие ҳаст, ки аз сафорати Чағониён буданаш хабар медиҳад. Ин суратҳои Афросиёб маҳсули ранҷи дасти рассомону наққошони пойтахт буда, асарҳои мукаммалу олидараҷаи санъат мебошанд. Онҳо ниҳоят зебову назаррабо кашида шуда, асосан рангҳои баланду равшану гуногунтобиш ба кор рафтааст (порае аз ин суратҳо дар лифофаи муқоваи китоб оварда шудааст).

---

[248] Шишкин В. А., 1963, с. 150–156.
[249] Шишкин В.А .,1966, с. 14-22; Албаум Л.И., 1971.

Расмҳои рӯидевории Суғд на фақат чун осори давраи худ аҳамият доранд. Мо дар боло гуфта будем, ки онҳо боз чӣ гуна аҳамият доранд – аслашро гирем, ин суратҳо энсиклопедияи ҳаёт ва афкори суғдиён мебошанд, гарчанде тамоми ҷабҳаҳои ҳаётро фаро нагиранд ҳам, энсиклопедияи ҳақиқӣ мебошанд. Албатта, бояд дар назар дошт, ки забони ин энсиклопедия образҳои бадеӣ мебошад ва тавзеҳи ягонаву баҳснопазири ин забон кори осон нест.

Аз ёфт шудани аввалин суратҳои рӯидеворӣ Панҷакент дере нагузашта М.М.Дяконов ақидае изҳор намуд, ки аҳамияти ин расмҳо аз доираи маданияти Суғд ва, умуман, Осиёи Миёна берун меравад. Вай дуруст тахмин кард, ки акнун дар санъати Туркистони шарқӣ «ҷараёни осиёимиёнагӣ»-ро ошкор кардан мумкин аст (баъзе осорҳои маданияти Туркистони шарқиро дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои XX экспедитсияҳои археологҳои рус, немис, франсавӣ, англис ва япон ёфта буданд) ва барои муайян кардани замони пайдоиши баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо имкон пайдо мешавад, ҳол он ки то ба ҳол замони пайдоиши онҳо асосан тахминӣ ва умумӣ муқаррар карда мешуд.[250]

Худи М.М.Дяконов ба чанд унсурҳои суғдию осиёимиёнагии санъати Туркистони шарқӣ ишорат кард. Тадқиқоти олими Италия М.Буссали низ ҷолиби диққат ва боварибахш аст, ки вай масъалаи ба санъати Туркистони шарқӣ (зиёда аз ин, ба санъати тамоми Осиёи Марказӣ) таъсир расондани санъати Осиёи Миёнаро хеле аниқ таҳқиқ намудааст.[251] Вале бояд эътироф кард, ки олимон фақат ба остонаи ин мавзеи аҷибу наҷиб қадам ниҳодаанд ва арсаи меҳнат дар ин ҷо канор надорад.

## Ҳайкалтарошӣ.
## Санъати мусиқӣ ва рақсӣ

Дар санъати Суғд дар баробари рассомӣ ҳайкалтарошӣ ҳам мақоми муҳим дошт. Масолеҳи ҳайкалсозӣ гил, гаҷ ва чӯб буд.

Дар Панҷакент ҳайкали азими гилӣ ёфт шуд. Ин ҳайкал замоне айвони маъбадро оро медодааст. Дар ин айвон изорае ёфт шуд, ки қариб 8 м дарозӣ дошт. Мазмуни нақши ин изора тасвири фантастикии манзараи дарё мебошад. Заминаи нақш хатҳои шикастаи барҷаҳида аст, ки мавҷи дарёро ифода менамояд ва дар болои ҳамин хатҳои мавҷӣ, бо усули муқарнаси барҷаҳида ҳайвону моҳиҳои аҷоиб ва махлуқоти одамсимо тасвир ёфтаанд. Дар яке аз деворҳо дар мобайн махлуқи одамсимое нақш ёфтааст, ки аз об баромада истодааст. Тамоми моҳиён ва махлуқоти ғароиб ба тарафи ҳамин махлуқи одамсимо шино мекунанд. Дар нақши изораи девори севум дар мобайн махлуқи одамбашарае ҳаст, ки аз ду думи ба ҳам печида иборат мебошад. Дар ҳамин ҷо чанд аждаҳо менамояд, ки даҳони худро калон кушода истодаанд. Чунин ақидаи А.М.Беленитский қобили қабул, ки ин нақши муқарнас ва ҷонварони он таҷассуми олами об, аниқтараш, таҷассуми Зарафшон мебошад, онро юнониён «Политимет» (яъне «Пурэъзоз») ва суғдиён «Номиқ» (яъне «номдор») меномиданд.

---

[250] Дяконов М.М., 1954 а, с. 89-90.
[251] Bussagli M., 1963, s. 42-50.

Дар Панҷакент инчунин ҳайкалҳои хушнамои чӯбӣ ҳам вуҷуд доштанд. Ин ҳайкали раққосаҳо мебошад, ки ба андозаи 3/4 қисми танаи одамӣ сохта шудаанд. Раққосаҳо аз миён боло луч буда, дар айни ҳаракатҳои мураккабтарини рақс тасвир ёфтаанд. Онҳо дасти чапро ба миён монда, пойи ростро қат карда, аз болои пойи чап, ки рост аст, ба тарафи чап дароз карда истодаанд. Шаддаву халхолҳои зиёд ва шалвори аҷоибдӯхти маҳину нозук ба қомати расову болои раққоса боз як ҳусни барзиёде мебахшад.[252]

Ҳайкалҳои раққосаҳои Панҷакент муҷассамаи он муъҷизакороне[253] мебошад, ки аҷнабиён онҳоро «гирдбоди гашти духтар» меномиданд. Раққосаҳои Чоч, Қумод, Кеш, Маймурғ, алалхусус, раққосаҳои Самарқанд ниҳоят машҳур буданд. Пироҳани ҳарири шерозаҳояш зардӯзии гулобӣ, шалворҳои беқасаби нилранг ва кафшҳои қирмизии кемухтӣ ба қомати расову дилбари онҳо чунон қоиму шинам меафтад, ки бинанда аз ҳусни онҳо дар ҳайрат мемонад. Рақси онҳо баъзан дар болои тӯб иҷро мешуд ва чунон бо суръату тезу шӯх буд, ки бинанда мафтун мегардид. Вақте рақс ба авҷи худ мерасид, раққоса пироҳани худро кашида мепартофту аз миён боло луч мешуд ва ин таъсири рақсро ниҳоят зӯр мекард. Ҳаракати раққоса чунон тез буд, ки шоир пиндоштааст боз андаке суръат гирад, раққоса мисли пораи абре ба осмон мепараду ба офтоб мерасад.[254]

Раққосаҳои Панҷакент шояд дар ҳамин гуна авҷи рақс таҷассум ёфтаанд.

Мардуми Суғд ва ноҳияҳои атрофи он на фақат дар маданияти рақс, балки дар санъати мусиқӣ ҳам шуҳрат доштанд. Номи даҳҳо асбобҳои мусиқӣ то ба мо расидаанд, ки дар Бухоро маъмул будааст. Бисёр навою оҳангу мақомҳои гӯшнавоз эҷод гардидаанд. Баъзеи онҳоро яккахону якканавозон ва баъзеи онҳоро дастаи навозандагону ҳофизон иҷро мекарданд. Бухоро инчунин бо ҳунарпешагони худ машҳур буд. Театри лӯхтакҳо асри VII маҳз аз Осиёи Миёна ба Хитой гузаштааст.

Вале бармегардем боз ба сари чӯбҳои кандакории Панҷакент – нақшҳои ислимию гирдобӣ арақаи иморатҳоро зинат медод, сутуну болорҳо низ кандакорӣ карда мешуд.[255]

Аксар нақшҳои кандакории чӯб басо печдарпечу мураккаб буду одамон дар чорчӯба ва ё даруни нимдоира гирифта мешуд, масалан, дар дохили чорчӯба ё нимдоира тарҳи одами дар тахт нишаста ва ё сардори савори аробаи ҷангӣ ва ғ. тасвир карда мешуд. Дар ин нақшҳо анъанаи санъати кушониён баръало ба назар мерасад.[256]

Дар қасри Варахша бисёр деворҳои бо гаҷ андовашуда ҳастанд, ки бо нақшҳои мураккаб фаро гирифта шуданд. Аввал девор бо қабати тунуки (аз 1,5 то 20 см) гаҷ андова шуда, баъди хушк шудан дар он гул мебароварданд. Мазмуни нақш гуногун буд. Баъзан ин нақши одии арча, баъзан қатори секунҷаву чоркунҷаҳои одӣ ва ғ. буд, ки ба ҳам печида, намудеро пайдо мекарданд. Чоркунҷаҳои гуландарун, ситорагулҳо, таркибу печопечи нақшҳои

[252] Беленитский А.М., 1959, с. 75-76.
[253] Рифтин Б.Л., 1960, с. 128.
[254] Schafer E.N., 1963, p. 55-56.
[255] Воронина В.Л., 1959. Чӯбҳои кандакориро Б.Я.Ставиский ва А.Ю.Якубовский дар Мадм ёфтаанд.
[256] Беленитский А.М., 1962.

наботию геометрӣ ҳама мутаносиб ба ҳам таркиб ёфта, андаруни доираҳо муттаҳид карда мешуданд. Нақши наботӣ, алалхусус, баргу навдаи ток бисёр дучор мешавад. Дар лавҳаҳое, ки аз афти кор, манзараи табиатро инъикос менамоянд, дарахтони танаашон ниҳоят ғафси ду-семетра ба назар мерасанд, ки баргу шохаҳои онҳо ниҳоят равшану дақиқу боҳавсала кашида шудаанд ва ҳатто гурми шохаҳо нағз намоён аст. Дар ин лавҳаҳо, инчунин ҳавзҳо ҳам ҳастанд, ки дар он моҳиён шино мекунанд. Дар заминаи ана ҳамин гуна манзараҳо лавҳаҳои зиёди зиндагӣ тасвир ёфтаанд, ки дар он ҳайвону инсон ва даррандагону парандагон ширкат доранд. Инчунин манзараҳои сайди гӯрхар, гуроз ва оҳу низ тасвир шудааст. Андозаи расми саворон қариб ба андозаи ҳақиқии савор баробар буд. Баъзе аспҳо болдор кашида шудаанд. Махлуқоти афсонавӣ ҳам хеле бисёр, алалхусус сурати зане, ки ба сурати паранда кашида шудааст, ҷолиби диққат мебошад, дар омади гап, гуфтан лозим, ки образи ин гуна занони парандасимо дар ашёи давраҳои сонии ҳунармандони Осиёи Миёна бисёр вомехӯрад ва ҳатто онро дар айёми мо дидан мумкин (то ба қарибӣ ин хели нақшро дар носкадуҳои Самарқанд ҳаккокӣ мекарданд).



**Ҳайкалҳои сафолии ибтидои асрҳои миёнаи Самарқанд**

Санъати гуногунмазмуну гуногунмундариҷаи кандакорӣ, басо наву тоза ва зарифу латиф будани он ба андозае хосияти умумӣ доранд ва ҷузъиёти он батафсил тасвир карда нашудааст, ки ин ҳолат хусусияти монументалӣ доштани тамоми он санъатро хеле равшан таъкид кардааст.[257]

---

[257] Шишкин В.А., 1963.

## Хатти суғдӣ ва адабиёти он

Чи тавре дар боло гуфта гузаштем, хатти суғдӣ аз хатти оромӣ бармеояд. Дар он даврае, ки алҳол мавриди назар аст, хатти суғдӣ хатти курсив буд. Одатан, дар амалия 18-19 ҳарфи алифбо ба кор мерафт ва баъзе калимаҳо бо идеограмма ифода карда мешуд. Соли 1965 дар арки Панҷакент археолог А.Исҳоқов бори нахуст дар таърих алифбои суғдиро ёфт. Дар танаи хуме ҳарфҳо ва машқи хат сабт шуда буд. Алифбо 28 ҳарф дорад, ки он тамоми ҳарфҳои алифбои оромӣ аст ва ҳатто он ҳарфҳое низ ҳастанд, ки амалан истифода намешуданд. Ана акнун маълум шуд, ки чаро Сюан-сзан «аз бист андаке зиёд»[258] гуфтаасту 18-19 ҳарф нагуфтааст, ки он амалан ба кор мерафт – вай ин маълумотро аз ягон суғдии босавод гирифта будааст ва ин суғдӣ ба вай шумораи аслӣ» яъне гуфтан мумкин, шумораи назариявии ҳарфҳоро хабар додааст, ки ҳар як одами саводноки он давра медонист. Хати суғдӣ дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна ҳар хел буд, масалан, хатти суғдии Самарқанд фарқ дошт.

Осори хатти суғдӣ, пеш аз ҳама, дар Туркистони шарқӣ ёфт шуд. Ин осор бо ҳуруфи суриёнӣ, монӣ ва боз ба ҳуруфи навъи севуме навишта шудаанд, ки он айнан мисли ҳуруфи уйғурӣ набошад ҳам, ба он андак шабоҳат дорад. Ҳамаи ин матнҳо бо як забон иншо шудаанд. Дар баъзе матнҳо истилоҳи тақвим ҳаст ва он бо истилоҳи тақвим, ки Берунӣ дар «Осор-ул-боқия»-и худ суғдӣ номидааст, айният дорад. Ҳамаи ин имкон дод муқаррар шавад, ки забони матнҳои мазкур забони суғдӣ ва он ҳуруфи навъи севум ҳуруфи аслии суғдӣ мебошад.[259]

Материалҳои забони яғнобӣ имкон дод, ки ин матнҳо хонда шавад.[260]

Аввалин маълумот дар бораи забони яғнобӣ баъди ба Яғноб сафар кардани шарқшиноси рус А.Л.Кун ва ҳамроҳи вай Мулло Абдураҳмон ном марди тоҷик ба даст омад. Минбаъд дар бораи ин забон Ш.Акимбетов, Е.Ф. Кол, Н.Г.Маллитский, К.Г.Залеман ва дигарон маълумот ҷамъ карданд. Аз ҷумлаи олимони советӣ, ки дар худи Яғноб забони яғнобиро тадқиқ кардаанд, М.С. Андреев ва Е.М. Пешерева, С.И. Климчитский ва Л.А. Хетагуров, М.Н. Боголюбов ва А.Л.Хромоврo номбар кардан мумкин аст. Ба Яғноб забоншиносони хориҷа – Р. Гото ва Г.Юнкер ҳам омада рафтаанд. Инчунин номи эроншиноси немис В.Гейгер ва олими Франсия Э.Бенвенистро бояд зикр кард. Сохти грамматикаи забони яғнобӣ тадқиқ карда шуд. Маълум гардид, ки

---

[258] Тарҷумаи аниқи инро ниг.: Pelliot., 1934, p. 48; муқоиса кунед: Beal, s, 1906, p. 26–27 («сӣ ё қариб сӣ»).

[259] Gauthiot R., 1914–1923; Benveniste E., 1929; Лившитс В.А., 1966.

[260] Яғнобиҳо қавми камшуморест, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистони Марказӣ, дар соҳилҳои дарёи Яғноб зиндагӣ мекунанд (дарёи Яғноб шохаи Фондарё аст, ки дар навбати худ ба дарёи Зарафшон мерезад). Шумораи яғнобиҳо хеле кам аст. Дар чоряки охири асри XIX ва аввалҳои асри XX шумораи онҳо 1250-1400 нафар буд. Мувофиқи маълумотҳои аниқтар, ки ибтидои солҳои 30-юм ба даст омад, шумораи яғнобиҳо (дар худи Яғноб) ба 2150 нафар расид. Алҳол шумораи онҳо аз 3 ҳазор бештар мебошад. Яғнобиҳо ғайр аз худи Яғноб дар дигар ҷойҳо, масалан, дар деҳаҳои болооби Варзоб ҳам зиндагӣ мекарданд. Дар рӯзҳои мо як қисми яғнобиҳо ба тоҷикӣ гап мезананд, қисми дигари онҳо (тақрибан 2,5 ҳазор нафар) дузабона мебошанд.

ин забон забони шарқиэронӣ буда, дар асоси яке аз лаҳҷаҳои забони суғдӣ инкишоф ёфтааст.

Аксари фонди луғавии он ба лексикаи суғдӣ тааллуқ дорад. Дар ноҳияи дурдасту мушкилгузари водии Яғноб боқӣ мондани ин забони нави суғдӣ дар тадқиқи осори хатти суғдӣ мадади бебаҳое расонд.[261]

Дар боло мо дар бораи алифбое сухан рондем, ки дар Панҷакент ёфт шуда буд. Ин бозёфт дар айни ҳол далолат кард, ки барои саводомӯзон машқҳои махсуси хат вуҷуд дошт. Ин гуна машқҳои хатти суғдӣ дар Марв низ ёфт шуданд. Дар арки Марв Л.А.Марушенко сафолпораҳои пури матни арабӣ ва машқҳои хатти забони миёнаи форсӣ (паҳлавӣ) ва суғдиро ёфт.

Аз афти кор, ин боқимондаи дабиристон, яъне мактаби хаттотони асри VIII аст, ки дар он ҷо талабаҳо хатти арабӣ ва хатти суғдиро меомӯхтанд, ки ҳанӯз дар муносибатҳои байналхалқии он давраҳо мақоми калон дошт.[262]

Ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ далолат менамоянд, ки дар Суғд хаттотони касбии баландихтисос буданд ва аксар ҳуҷҷатҳо бо хатти ниҳоят зебо ва хоно навишта шудаанд. Аксар вақт дар поёни ҳуҷҷатҳо чунин таъбир ба назар мерасад: «Бо супориши фалонӣ фалонӣ навишт». Масалан, номи Аспанаки Девгон ном хаттот то ба мо расидааст. Яке аз беҳтарин хаттотони Суғд дар ибтидои асри VIII Рамтиш ном касе буд, ки падараш Вғашфарн ном доштааст ва он никоҳхати зеборо маҳз ҳамон Рамтиш навишта будааст.

Ба туфайли ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ мукотибаи расмии суғдиён, ҳуҷҷатҳои юридикӣ, мактубҳои муқаррарӣ, мукотибаи хоҷагӣ ва ғ. дастраси мо шуданд.

Сюан-сзан қайд кардааст, ки дар Суғд «як навъ адабиёт ҳаст» (ин таъбирро дигар хел хондан ҳам мумкин: «як навъ солномаҳои таърихӣ ҳаст» ё худ онҳо китобҳо ва солномаҳои таърихӣ доранд»).[263]

Дар ҳақиқат, суғдиён соҳиби адабиёти бойи динӣ ва дунявӣ буданд. Масалан, китобҳои суғдии буддоӣ бо хатти аслии суғдӣ навишта шудаанд. Аз ҷумлаи ин адабиёт тарҷумаи суғдии «Вессон тараҷатакӣ» аз ҳама муҳимтар аст. Дар ин китоб дар баробари матни суғдии ин ҷатакӣ матнҳои он ба забони палӣ, тибетӣ ва хитоӣ низ ҳастанд ва ин ба яке аз беҳтарин донандагони забони суғдӣ Э.Бенвенист имкон дод, ки матни суғдии ин асари буддоиро пурра хонда барояд. Матни суғдӣ 1513 сатр аст (фақат чанд саҳифаи аввал ва чанд сатри охираш нест).

Мазмуни ҷатакӣ чунин аст: «Баъди интизории тӯлонӣ подшоҳ писаре меёбаду номашро Судошан мемонанд. Баъди балоғат (Судошанро ба духтари зебое хонадор мекунанд ва онҳо соҳиби 2 фарзанд мешаванд. Барои кадом як гуноҳе подшоҳ шоҳзодаро ба кӯҳи дурдасти пурдаҳшате бадарға мекунад, ки он макони даррандагон ва ҷинҳои одамхӯр буд. Занаш ду фарзандашро гирифта ва ба нею нестони шавҳараш нигоҳ накарда, ҳамроҳи вай ба сафар мебарояд. Шоҳзода, ки дар ҳиммату саховат ном бароварда буд ва маҳз барои ҳамин ҳам ба сараш кулфати бисёр меомад), тамоми чизу чораашро ба дигарон тақсим карда медиҳад.

---

261 Аз ҷумла дар бораи яғнобиҳо аз забони онҳо ниг.: Залеман К.Г., 1888; Geiger W., 1901; Маллитский Н.Г., 1924; Андреев М.С., 1928; Климчицкий С.И., 1940 б; 1940 а; Боголюбов М.Н., 1956; Андреев М.С. ва Пещерева Е.М., 1957; Хромов А.Л., 1966 б; 1966 а; 1968.

262 Певзнер С.Б., 1954; Лившитс В.А., 1962 б, с. 67–68.

263 Beal S., 1906, p. 27.

Ниҳоят, онҳо ба як биёбони касногузари пурбими фалокатбор рафта мерасанд. Худои таоло ба онҳо раҳмаш меояду қасри пурҳаловате барои онҳо ато мекунад. Шоҳзода ва зану фарзандонаш каме дар қаср дам мегиранду шоҳзода боз азми сафар мекунад, то ин ки гуфтаи падарашро аниқ ба ҷо оварад. Дар охир онҳо ба он кӯҳи мудҳиш омада мерасанд ва шоҳзода аз шоху алаф козае сохта, дар он ҷо маскун мешавад. Саховати Судошан ба ҷое мерасад, ки вақте роҳгузаре фарзандони ӯро талаб мекунад, фарзандонашро ба вай мебахшад ва ниҳоят Худои таоло ба мардум чӣ андоза сидқ доштани Судошанро донистанӣ шуда, ба пеши вай пирамардеро мефиристонад ва ин пирамард аз Судошан талаб мекунад, ки зани зебояшро ба вай бахшад. Судошан занашро ба пирамард мебахшад, вале пирамард мегӯяд, ки дертар омада гирифта мебарад ва худаш ғайб мезанад. Раҳгузаре, ки фарзандони Судошанро гирифта буд, ба пойтахти падари Судошан расида меояд ва подшоҳ писарони Судошанро харида мегирад. Онҳо азобу кулфати падари худро ба бобояшон ҳикоя мекунанд. Баъди илтиҷои зиёд Судошан ба назди падари худ бармегардад ва падараш ӯро ба ҷойи худ ба тахт мешинонад. Поёни ҷатакӣ хитобаи худи Буддо буда, дар он гуфта мешавад, ки шоҳзода Судошан худи Буддо асту ӯ дар яке аз давраҳои таносухи худ дар чунин шакл вуҷуд дошт».[264]

Маълум, ки сикли ҷатакӣ яке аз муҳимтарин фаслҳои адабиёти ҳиндии буддоӣ мебошад. Инчунин асарҳои буддоие низ буданд, ки аз мавзӯи илми илоҳиёт баҳс мекарданд. Е.Э.Бертелс навишта буд: «Гуфтан лозим, ки қимати бадеии матнҳои мазкури суғдӣ баланд нест. Вале инро ҳам фаромӯш кардан лозим не, ки онҳо тарҷума мебошанд. Аз ҳама муҳимаш ҳамин, ки ин матнҳо ба зиммаи мутарҷимони суғд вазифаи бениҳоят мураккабтар гузошта буд ва дар айни ҳол, ин матнҳо ба мутарҷимон мадад мерасонданд, ки забони худро такмил диҳанд ва ба дараҷаи забони бою мукаммали адабиёти Ҳиндустони қадим – ба дараҷаи забони санскрит баланд бардоранд».[265]

Бояд қайд кард, ки тарҷумаи суғдӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ набуд ва баъзе ҷойҳои он аз асл дур мерафт. Тарҷумон ба тарҷумаи худ нуктаҳое илова кардааст, ки дар матни аслӣ нест, вале аз ҷаҳонбинӣ ва тарзи ҳаёти суғдиёни онзамона бармеомад.[266]

Ба қавли Наршахӣ, дар Бухоро як силсила ривоятҳое маъмул будаанд, ки аз корномаҳои Сиёвуш ном шоҳи афсонавӣ нақл мекардаанд. Ин ривоятҳо манзум будаанд ва онҳо дар майдону кӯчаҳои шаҳрҳо суруда мешудаанд. Ҳамон достоне, ки аз марги Сиёвуш ҳикоя мекард, номи махсус дошт ва онро «Сӯги муғон» меномиданд. Аз афти кор, Сиёвушро суғдиёни Самарқанд ва инчунин дар дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна мепарастидаанд.[267]

Дигар фасли достон – достони Рустам ва аспи вай Рахш, ки ба суғдӣ иншо шудааст, танҳо дар намуди ду пораи ҷудогона дастрас гардидааст. Дар пораҳо ҳикоят мешавад, ки Рустам девҳоро таъқиб кард, бисёрии онҳоро кушт ва як

---

264 Матни суғдӣ, тарҷумаи франсавӣ ва луғатро ниг.: Benveniste E., 1946. Таъвили муфассали русии матнро ниг.: Бертелс Е.Э., 1960, с. 69-71.

265 Бертелс Е.Э., 1960, с. 72.

266 Лившитс В.А., 1962 б, с. 72.

267 Тафсилоти инро ниг. дар: Дяконов М.М., 1951 (ҳаволаҳо ба маъхаз ва адабиёт низ дар ҳамин ҷо).

қисми девҳо ҷон ба саломат бурда, андаруни қалъае пинҳон шуданд. Рустам аз кайфи зафар завқ бурда, дар марғзоре ба истироҳат рафт, зину лаҷоми Рахшро кушода, ба чаро сар дод ва худаш ҳам либоси ҷангиашро кашида монду ба хоб рафт. Дар мобайн девҳо ба худ омада, аз қалъа баромаданду аз пайи Рустам афтоданд, ки илоҷе ёфта ӯро нобуд кунанд. Баъди ин лашкари девҳо тасвир шудааст, ки савори аробаю филу аспу даррандаву газандаву хазанда бо даҳшату ваҳшату мағалу ғавғои мудҳиш ба роҳ мебароянд ва баъзе девҳо мисли каргасу калхот бол мезананду сарозер парвоз мекунанд. «Аз қиёми девҳо пардаи осмон дариду барфу борон, тагаргу жола ва раъду барқ бар замин фурӯ рехт, девҳо наъракашон замину замонро ба ларза меоварданд ва аз худ дуду оташ медамиданд». Рустами Дастон бошад, бехабар аз ин ҳама ғарқи хоб. Аммо ҷони Рустамро Рахш халос карда, ӯро аз хоби ғафлат хезонд. Рустам пӯсти шерро ба худ ҷавшан сохта, ба ҷанг омода шуд. Вақте ки девҳо наздик омаданд, Рустам вонамуд сохт, ки сахт тарсидаасту фирор хоҳад кард. Девҳо аз паси вай афтоданду Рустам ҳам каме онҳоро пеш оварда, ногаҳон пас гашту мисли шери жаён ба девон дарафтод.

Охири достон боқӣ намондааст. Ниҳоят, ривояти суғдии масалҳои «Калила ва Димна», аз ҷумла, ҳикояти тоҷир ва суфтагар ҷолиби диққат мебошад. Ғайр аз ин дигар асарҳои адабии суғдӣ низ бисёранд.[268]

## Ақоиди мазҳабӣ

Дар бораи ақоиди мазҳабии аҳли Суғд дар маъхазҳои гуногуни суғдӣ, хитоӣ, арабӣ ва тоҷикию форсӣ маълумот ба назар мерасад. Вале муқоисаи ин маълумотҳо кори ниҳоят душвор аст, ба ин сабаб дар бораи тартиби диндории суғдиён дар адабиёт то ба ҳол ягон асари мукаммале таълиф нашудааст. Ба маъхазҳо муроҷиат мекунем.

Дар Суғд «арвоҳи Дэсиро мепарастанд ва аз дарёи ғарб (яъне баҳри Каспий– Б.Ғ.) сар карда, то саросари мамолики Шарқ ба он эътиқод доранд. Зоҳиран, ин бутест заррин, ки миёнаш 15 фут аст ва ба ҳамин мувофиқ қад дорад. Ҳар рӯз ба ин бут панҷ уштур, даҳ асп ва сад гӯсфандро қурбон мекунанд. Шумораи қурбониовардагон баъзан ба 1000 мерасад...»[269]. Дар тарҷумаи ҳоли Сюан-сзан гуфта мешавад, ки дар Самарқанд «малик ва мардум ба Буддо имон надоранд ва оташ мепарастанд».[270] Инчунин ривоят ҳаст, ки ба «арвоҳи бадкирдори олам»[271] ва ба «худованди осмон» низ эътиқод вуҷуд дошт. Ба қавли Хой Чао, дар Суғд дар нимаи аввали асри VIII «эътиқоди арвоҳи осмон маъмул буд».[272] Дар боргоҳи ҳокими Суғд, инчунин «маъбади ниёгон»[273] низ вуҷуд дошт.

Дар китоби олими бузурги асри XI Осиёи Миёна – Берунӣ «Осор-ул-боқия» бо номи «Гуфтор андар идҳои тақвими суғдиён» боби махсусе ҳаст.

---

[268] Benveniste E., 1956; Henning W.B., 1940., 1945; 1946; Брагинский И.С., 1955. с. 129-131, 207-215, 413-415.
[269] Бичурин, II, с. 313.
[270] «The Life of Hsuan–Tsaug», 1959; Chavannes E., 1903, p. 133.
[271] Бичурин, II, с. 310.
[272] Fuchs W., 1938, s. 452.
[273] Бичурин, II, с. 281.

Дар асари олими бузурги асри XI Осиёи Миёна – Абӯрайҳони Берунӣ «Осор-ул-боқия» фасле ҳаст, ки дар он ҷашни моҳҳои суғдиҳо тавсиф ёфтааст. Рӯзи бисту ҳаштуми моҳи аввал «зардуштиёни Бухороро идест, ки «Ромиши оғом» меноманд. Ва дар он ид дар оташкадае, ки наздики қаряи Ромиш аст, ҷамъ мешаванд. Ва ин оғомҳо назди онон азизтарини идҳост. Ва дар ҳар деҳе, ки бошанд, назди раиси худ барои хӯрдану ошомидан ҷамъ мешаванд. Ва ин ид барои эшон дар чандин навбат аст». Ин иди Соли нав аст, ки бо тасаввуроти роҷеъ ба табиати миранда ва аз нав зиндашаванда алоқа дорад. Дар яке аз моҳҳои суғдиён расми рӯзадорӣ низ мавҷуд аст. Онҳо «дар ин рӯз таому шаробро тарк мекунанд ва аз он чӣ бо оташ пухта шавад, парҳез менамоянд. Ва хамиру меваю набот мехӯранд». Рӯзи дувуми моҳи дигар онҳо «дар оташкадаҳо ҷамъ мешаванд ва чизеро, ки аз орди арзан ва равғану шакар пухтаанд, дар он ҷо мехӯранд». Ва ниҳоят расме ҳаст, ки соле як бор «аҳли Суғд бар мурдагони пешини худ гиря мекунанду бар онҳо навҳа мезананд ва рӯйҳои худро мехарошанду барои мурдагон таому шароб мебаранд». Ҳамчунин расм дар байни Хоразмиён ва форсҳо низ мавҷуд буд. Аз ривоятҳое, ки дар бораи ин халқҳо карда мешаванд, баъзе ҷиҳатҳои тозае аён мегардад, аз ҷумла ин аст, ки онҳо «дар рӯзҳои фарвардгон барои арвоҳи мурдагон дар гӯристонҳо ғизо мегузоранд».[274]

Хуллас, аз гуфтаҳои Берунӣ чунин бармеояд, ки парастиши мурдагон низ маъмул буд. Ин нуктаро мо дар ҳикояти Наршахӣ низ мебинем, ки ба Сиёвуш бахшида шудааст – дар Бухоро дар субҳидами Соли Нав ҳар як аҳли шаҳр ба арвоҳи Сиёвуш хурӯсеро қурбон мекард. Муҳаққиқон ҳикояи Наршахӣ ва он маълумотеро, ки Вэй-сзе дар бораи Самарқанд додааст, муқоиса карданд. Ва моҳияти он маросим маълум шуд ва гап дар ҳамин будааст, ки мардум имони комил доштаанд, ки он ҷавони муқаддас моҳи ҳафтум мурдааст ва устухонаш гум шудааст. Вақте ки ҳамин моҳ мерасид, диндорон либоси сиёҳ пӯшида, пойи луч мебароянд ва мушт ба сина кӯфта навҳа мекашанд. Онҳо дашт ба дашт такопӯ мекунанд, то ки турбати ҷавони муқаддасро ба даст оранд. Ин маросим рӯзи ҳафтум ба охир мерасид.[275]

Вале парастиши Сиёвуш на фақат танҳо парастиши мурдагон буд, дар ин ақида нуктаҳои динҳои қадимтаре инъикос ёфтаанд, ки ба худои набот имон дошт ва он мемурду боз зинда мешуд.[276]

Мо дар боло новусҳои Панҷакентро зикр карда будем. Новусҳо аз Кофирқалъаи наздикии Самарқанд ҳам ёфт шудааст. Дар худи Самарқанд бисёр оссуарийҳо ба даст омаданд. Аз деҳаи Бия-Наймани наздикии Каттақӯрғон бисёр оссуарийҳо ёфт шуд, ки нақши муқарнасии латифу нозуки хушнамуде доранд.[277]

Аввалин оссуарий вақти кофтани таҳкурсии иморат соли 1971 дар Тошканд падид омад. Ҳангоми соли 1886 дар Афросиёб ҳафриёт кардани Н.И. Веселовский боз як оссуарии пурнақш ёфт шуд, ки олим онро «тобути сафолии

---

[274] Берунӣ, 1958, с. 284; ниг. низ ба с. 236, 255.
[275] Дяконов М.М., 1951, с. 36–37 (бо ҳавола ба маъхазҳо).
[276] Толстов С.П., 1948 а, с. 202–204.
[277] Касталский Б.Е., 1909 (замима); Борисов А.Я., 1940 а; Ставиский Б.Я.,1961 б; Рапопорт Ю.А., 1971.

давраи тоислом» мешумурд. Соли 1900 худи ҳамин олим истилоҳи «оссуарий»-ро ҷорӣ кард (аз калимаи лотинии ossuarium, ки маънояш устухондон мебошад), ки он дар илм маъмул гардид. Бо тадқиқи оссуарий ва маросими дафн дар оссуарий пеш аз инқилоб Н.И. Веселовский, В.В. Бартолд, К.А. Иностранцев барин олимон ва баъди инқилоб А.Я. Борисов, Ю.А.Рапопорт, Б.Я. Ставиский барин олимон машғул буданд.



Ҳайкалчаи болои сарпӯши оссуарий

Ба туфайли тадқиқоти ин олимон маросими дар оссуарий дафн кардани суғдиёнро чунин таъвил кардан мумкин аст. Дар «Авесто» ва дар дигар асарҳои давраҳои сонии зардуштия гуфта мешавад, ки ҷасади зардуштиро ба ҷое бояд бурд, ки он дахма ном дорад ва дар ин дахма «доимӣ» сагҳо ва парандаҳое ҳастанд, ки гӯшти мурдаро хӯрда, устухонашро тоза мекунанд» (масалан, дар ин бора дар «Видевдат» ҳам сухан меравад). Чи тавре маълум аст, ин одат қариб бе ҳеҷ гуна тағйирот дар байни габрҳои Ҳиндустон боқӣ мондааст, ки онҳо дар асрҳои миёна аз Осиёи Миёна ба он ҷо кӯчида рафта буданд ва ҳоло ҳам ба зардуштия имон доранд. Баъди ин устухонҳоро ҷамъ карда, ба ҷойи махсусе бурда мемонданд ва номи ин ҷоро устуодон (ё астодан) мегуфтанд. Дар маъхазҳои арабӣ, ки истилои арабро ба қалам медиҳанд, он иншооте, ки дар боло зикр кардему онҳо ба арабҳо дар Осиёи Миёна дучор меомаданд, новус номида шудаанд.[278]

Маъхазҳои хаттӣ бевосита шаҳодат медиҳанд, ки дар Суғд чунин маросим маъмул буд ва ин ҷиҳати масъала хеле муҳим аст ва инро муҳаққиқони

---

[278] Бартолд В. В., 1966 а, 1966 б; Инострансев К.А., 1907 6; 1907 а, 1909; Борисов А. Я., 1940 6; Ставиский Б.Я., 1952; Рапопорт Ю.А., 1971.

пешазинқилобӣ ҳам қайд кардаанд. Сафири Хитой Вэй-сзе, ки дар ибтидои асри VII ба Суғд омада буд, чунин навиштааст: «Берун аз шаҳр дар ҷойи алоҳида қариб дусад хонавода истиқомат доранд, ки махсус машғули дафн мебошанд, онҳо дар ҷойи хилват ҳавлии махсус сохтаанд, ки дар он ҷо сагҳои махсусро парвариш мекунанд, агар ягон кас мурад, мурдаи ӯро ба миёнҷои ҳамин ҳавлӣ бурда мемонанд ва сагҳо гӯшти мурдаро хӯрда, устухонашро тоза мекунанд, пас аз ин устухонҳои мурдаро ҷамъ карда, дар зарфи махсус андохта мемонанд ва онро гӯр намекунанд».[279] Аз рӯйи гуфтаҳои Табарӣ ва Наршахӣ маълум мешавад, ки баъзан устухони мурдаро одамони махсус тоза мекардаанд. Ба қавли К.А.Иностpансев, маросими муқарарӣ набуд ва он фақат дар мавридҳои махсус ба ҷо оварда мешуд.[280] Вале устухонҳое, ки дар новусҳои Панҷакент ёфт шуданд, дар худ осори дандон надоранд ва ҳатто пайванди сутунмуҳра безарар мондааст – ҳол он ки агар гӯшти устухонро сагҳо мехӯрданд, осори дандон ҳатман боқӣ мемонд. Дар ҳар як дахмаи Панҷакент – ба ҳисоби миёна устухони даҳ мурдаро мегузоштаанд. Дар дахмаҳо ғайр аз оссуарийҳо, инчунин зарфҳои сафолӣ, тангаҳои мисӣ ва асбоби зинату ороиш ҳам монда мешуд.[281]

Дар боло дар бораи маросими сӯгвории суғдиён андак маълумот оварда будем. Дар ҳуҷҷати В-8 Қалъаи Муғ (ки шартномаи фурӯши замин аст) гуфта мешавад, ки харидорон ва авлоди онҳо ҳақ доранд, дар ин замин мурда гузоранд ва сӯгворӣ кунанд.[282] Маросими сугвории ҳангоми дафн дар «Шоҳнома» ҳам тасвир шудааст.[283] Ин маросим, инчунин дар санъати тасвирии суғдиён низ инъикос гардидааст. Аслан ин маросим ба қонуну қоидаҳои зардуштия хилоф мебошад, зеро зардуштия дар болои мурда гиряву нола карданро қатъиян манъ намудааст. Вале дар Осиёи Миёна ва, аз афти кор, дар Эрон ҳам ақидаҳои қадимии халқӣ нисбат ба манъи динӣ зӯртар буданд.[284] Дар давраҳои баъдина зидди ин маросим ислом ҳам дурудароз муборизаи шадид бурд, вале дар ҳама ҷо – ҳам дар Байнаннаҳрайн, ҳам дар Эрон ва ҳам дар Осиёи Миёна маҷбур шуд, ки ақиб нишинад. Ин ё он шакли маросими мазкур то ба қарибиҳо вуҷуд дошт. Дар болои мурда гиряву нола карда ва ҳатто «самоъ рафтан» (ки як навъи рақси маросими дафн аст) дар байни тоҷикон дар рӯзҳои мо ҳам маъмул мебошад.

Дар маъхазҳо «оташкада» ва «буткада» зикр шудааст. А.М.Беленитский роҷеъ ба он тамоми маълумотро ҷамъ кард ва ба тафсил таҳлил намуд. Ғайр аз маъхазҳои номбурда, инчунин «Шоҳнома»-ро низ далел овардан мумкин аст, ки дар он «оташкадаҳои» Бухоро ва Пайканд қайд шудаанд. «Шаҳристонҳои Эрон» ном асари географии паҳлавии асри IX хабар медиҳад, ки дар Самарқанд писари Сиёвуш оташкадае бино карда, ба он ҷо матни «Авесто»-ро, ки дар лавҳаҳои тилло (ё зарандуд) навишта шуда буд, гузошт ва баъд онро Сакандар (Искандари Мақдунӣ) хароб кард ва ниҳоят, Тури Фрастак (Афросиёб) «хонаи худоёнро ба лонаи девон табдил дод». Мувофиқи ривояти

---

[279] Chavannes E., 1903, p. 123.
[280] Иностpансев К.А., 1909, с. 115.
[281] Ставиский Б.Я. ва диг., 1953.
[282] Лившитс В.А., 1962, 6, с. 47–48, 52–53.
[283] Беленитский А.М., 1954, саҳ 82
[284] Widengren G., 1965, 5. 329-330, 339-340.

маъхазҳои хитоӣ, дар Кушония маъбаде будааст, ки дар деворҳои он сурати шоҳони қадимии халқҳои гуногуни ҳамсоя кашида шудаанд. Малики Кушония ҳар рӯз дар ин маъбад ибодат мекардааст. Наршахӣ ҳам аз «оташкадаҳо»-и Ромитану Бухоро дарак медиҳад ва сухан на дар бораи асари афсонавӣ, балки дар бораи асари конкретӣ-таърихӣ меравад. Дар Самарқанд дар айёми истилои арабҳо «буткадаву оташкадаҳо» будаанд ва дар бораи деҳаи Тавовис низ чунин хабар ҳаст (Табарӣ, Балозурӣ). Маъхазҳо бисёр тафсилоти ин бутҳоро тасвир кардаанд ва ин бутҳо чӯбини зарандуд, нуқрагин ва тиллоӣ будаанд. Вақте ки бутҳои бутхонаи калони Самарқанд сӯхта шуд, аз хокистари онҳо 50 ҳазор мисқол тилло баромад. Яке аз бутҳои симини Самарқанд баъди об карда шудан 24 ҳазор мисқол нуқра шуд. Наршахӣ аз Пайканд сухан ронда менависад, ки арабҳо дар буткадаи он буте ёфтаанд, ки аз нуқра буда, 4 ҳазор дирам вазн доштааст, вале мувофиқи ривояти дигар, ин бут тиллоӣ буду 50 ҳазор мисқол вазн дошт. Парастиши ин бут дар Самарқанду Бухоро баъди ғалабаи ислом ҳам хеле давом кард. Буткадаҳо ниҳоят бой буданд, тиллову нуқраи бешумор, ҷавоҳироти бисёр доштанд, масалан, гавҳарҳое доштанд, ки ба андозаи тухми мурғ меомад.

А.М.Беленитский ҳамаи ин хабару ривоятро ба тафсил тадқиқ намуда, ба хулосае омад, ки «буткадаҳо» ҷудо аз «оташкадаҳо» вуҷуд доштанд.[285] Ба фикри мо, А.М.Беленитский ин ақидаи худро пурра исбот накардааст, гарчанде аз як ҷиҳат даъвои вай ҷон дорад. Дигар ақидаи асосии А.М.Беленитский ҳамин аст, ки дар Осиёи Миёна рӯҳониёни оташкадаҳо, ки онҳоро зардуштӣ меномад, зидди бутпарастӣ мубориза мебурданд ва дар ин мубориза зардуштиён дастболо буданд. Вале, ба фикри мо, ин даъво асоси казоӣ надорад. А.М.Беленитский ба ақидаҳои худ ҳамон қоидаву қонунҳои зардуштияро асос кардааст, ки дар Эрони сосонӣ маъмул буд. Вале зардуштияи Осиёи Миёна ба зардуштияи Эрон айнан монанд нест. Бинобар ин дар ҳалли ин масъала бисёр эҳтиёт шудан даркор. Ҳанӯз В.В.Бартолд тахмин карда буд, ки ақоид ва русуми зардуштиёни Осиёи Миёна «аз ақоиди пайравони аслии Зардушт хеле фарқ мекунанд». А.Ю.Якубовский навишта буд: «Асоси ҳам зардуштияи Эрон ва ҳам дини суғдиёну бохтарҳову хоразмиён ким-чӣ хел эътиқоду ақоиду русуми ягона буд ва он эътиқод, аз як тараф, тасаввуроти дуалистонаро дар бораи муборизаи оламит некӣ ва бадӣ, аз тарафи дигар, парастиши оташро дар бар мегирифт. Дар Эрон зардуштия ба дини давлатӣ табдил ёфт ва соҳиби ақоиди мустаҳкаму аниқ гардид ва ташкилоти мураккаби пешвою роҳбарони он ба миён омад, ки ба корҳои давлатӣ, алалхусус, дар ҷабҳаи идеология таъсири зӯр доштанд. Дар Осиёи Миёна тақдири зардуштия дигар хел шуд – яъне ақоиди аниқу мустаҳкам ба вуҷуд наовард, ба дини давлатӣ табдил наёфт, зеро худи он давлати ягона набуд ва пешвои роҳбарони он ҳам ба як ташкилоти тавонои мустаҳкам муттаҳид шуда натавонистанд. Зардуштия бо динҳои маҳаллӣ омехта шуд, ки онҳо, аз афти кор, ба парастиши оташ хеле мувофиқат доштанд.[286] Барои ифодаи дини суғдие, ки ба он давраҳо нисбат дошт, ҳатто истилоҳи махсус «маздоия»

---

[285] Беленитский А.М., 1954, с. 52–62. Инчунин ниг.: Смирнова О.И., 1971, с. 103–106.
[286] Якубовский А.Ю., 1954, с. 21–22.

пешниҳод карда шуд.[287] Эроншиноси машҳури имрӯза В.Б.Ҳеннинг ҳам «ба бутпарастии аслии Суғд таъсир расондани таълимоти Зардуштро» имконпазир донистааст.[288]

Гарчанде ҳанӯз В.В.Бартолд хусусияти динҳои маҳаллии тоисломиро мавриди тадқиқ қарор дода бошад ҳам, то ба ҳол дар ин бора қарори ягона вуҷуд надорад ва бисёр масъалаҳо ё торик мебошанд ё роҷеъ ба онҳо ду ақидаи ба ҳам мутлақо хилоф ҳастанд. Масалан, ду муҳаққиқи муътамад – А.М.Беленитский ва А.Ю.Якубовский дар масъалаи муайян намудани муносибати байниҳамдигарии динҳои маҳаллӣ ва зардуштия ақидаҳои ба ҳам тамоман зид доранд. Муҳаққиқони таърихи маданият ва археологҳо материалҳои лингвистиро бояду шояд истифода намебаранд, дар навбати худ, забоншиносон материалҳои археологӣ ва иконографиро дуруст кор намефармоянд ва тадқиқи онҳо низ душворию мушкилоти зиёде дорад, ки алҳол пурра муайян карда нашудааст.

Барои тафҳими ҷаҳонбинии суғдиён, аз ҷумла, барои тафҳими дини онҳо, суратҳои рӯйи девор маъхази хеле муҳим, вале дар айни ҳол, маъхази бениҳоят мушкилу мураккаб мебошанд. Дар Панҷакент суратҳо мувофиқи як тартиби муайян ҷой гирифтаанд, Масалан, дар толори чоркунҷа рост – рӯбарӯи дари даромад, аксар вақт андаруни токчаҳо «...муҷассамаи калони худоро ҷой медоданду баъзан дар паҳлуи он дигар шахсони муқаддасро низ мегузоштанд. Дар пеши сурати худо иштирокчиёни ибодат–суғдиёни рост ё базонуистода тасвир карда мешуданд. Агар худо дар пешгоҳи токча кашида шуда бошад, расми одамон дар деворҳои паҳлуи токча ҳам тасвир шуданаш мумкин буд. Дар ду тарафи қисми марказии расм тасмавор чанд қабат манзараи муҳорибаҳову зиёфатҳо ва аксар вақт достонҳои мукаммали пурмаъно тасвир мегардиданд ва бари ҳар як қабати ин расмҳо қариб 1 м буд». Дар қисми аз ҳама поёни расм дар лавҳаҳои чоркунҷа суратҳои афсонавӣ ё маишӣ кашида мешуданд.[289] Аз худи ҳамин тартиби ҷойгиршавии расм маълум, ки дар ҷаҳонбинии суғдиён ақидаҳои динӣ ва дунёвии онҳо чӣ гуна ба ҳам омезиш ёфта буданд.

Дини маҳалли Суғд соҳиби анъанаҳои мукаммали тасвироти динӣ буд. Ба ҷумлаи худоҳо – худои ҷирмҳои осмонӣ, худои ҳодисаҳои табиат дохил шуда, инчунин парастиши баъзе габрҳо низ вуҷуд дошт. Аз байни расмҳои худоҳо расмҳои зеринро номбар карда мумкин – олиҳаи чордаста, худои урён, ки баданаш кабуд буда, дар миён лӯнгии пустипалангӣ дорад, олиҳае, ки дар тахт нишастаасту дар паҳлуяш шерҳои болдор тасвир шудааст, худои сесараю шашдастае, ки соскан дошта истодааст ва ғайраву ва ҳоказо. Дар тасвири баъзе аз ин худоҳо аломатҳои суратҳои ҳиндӣ (шивагӣ) баръало ба назар мерасад. Ба ақидаи А.И. Беленитский ва Б.И. Маршак, суғдиён дар муддати дароз соҳиби хатти муайян ва анъанаи тасвироти динӣ набуданд. Дар натиҷа ба туфайли рақобати дини буддоия ва монавия, ки чунин анъанаро соҳиб буданд,

---

287 Исботи ин даъворо ниг.: Ставиский Б.Я. ва диг., 1953, сах. 88, 82. Ба ҳар ҳол, агар инислоҳро ба маънои дилхоҳ истифода бурдан лозим бошад, ба он сифати «осиёимиёнагӣ»-ро илова кардан беҳтар аст.

288 Henning W., 1965 a, p. 250 (…impact of Zoroaster's teachings in the native paganism of Sogdiane).

289 Беленитский А.М., Маршак Б.И, 1976, с. 75–76,

габрҳо анъанаи тасвироти динии ҳиндуро андак дигар сохта, барои эҳтиёҷи худ мувофиқ намуданд. Ин ақида, ба назари мо, ба ҳақиқат хеле наздик аст.

Ҷолиби диққат аст, ки дар Панҷакент дар хонаҳои гуногун худоҳои гуногун тасвир ёфтаанд ва ба ақидаи муҳаққиқони номбурда, ин кор далели ҳамин мебошад, ки ҳар як хона соҳиби худои «худаш» буд. Камбағалон бошанд, имкон надоштанд, ки дар кулбаҳои худ расми худоро кашанд, бинобар ин ҳар як камбағал як бутчаи сафолӣ мехариду ба ҳамон ибодат мекард.

Дар ҳар як хонаи бой меҳробе буд, ки дар он шабонарӯз оташи муқаддас дармегирифт ва ин шаҳодат медиҳад, ки дар системаи онзамонаи динӣ парастиши оташ аҳамияти калон дошт.[290]

Тадқиқотҳои солҳои охири забоншиносон хеле маълумоти муфид дод. Дар никоҳхати Қалъаи Муғ қасаме зикр мешавад, ки ба номи Баг ва Митра ном худоҳо дода шудааст. Баг ин худи ҳамон худо аст, ки ҳанӯз дар «Ригведа» дар қатори Митра дучор мешавад ва худоест, ки мартабааш андак поёнтар аст. Ба ақидаи В. Б. Ҳеннинг, дар никоҳхати Қалъаи Муғ Баг баробари Митра ва ҳатто аз Митра ҳам андак болотар меистад. Митра бошад, мисли Багчун худое тасвир шудааст, ки мутасаддии муоҳида мебошад. [291] Ношири никоҳхат – В.А.Лившитс ба ин даъво зид баромад ва ба ин кор асос ҳам дошт. Муқоисаву таҳлили ҳамаи матнҳои Қалъаи Муғ (ва дигар ҳуҷҷатҳои суғдӣ) В. А. Лившитсро ба чунин хулосае водор кард, ки ин номи худои асосӣ, яъне номи Аҳура Маздо мебошад, вале суғдиён одатан номи пурраи ин худоро (xωrmzt'βγ «Баг Ахура Маздо») ба забон намеоварданд ва ба қалам намедоданд (ба ҳар ҳол навишти он ниҳоят кам вомехӯрад).

Аз ҷумлаи худоёни олимартабаи суғдиён Зарвонаро зикр кардан даркор, ки он ба худои олии ҳиндуҳо Браҳма айният дорад ва дар матнҳои тарҷумавии суғдию буддоӣ ба сифати «аъзам» ва «шоҳи худоён» дучор мешавад. Ғайр аз ин Вэрэтрагна (Wsyn– Вашэгн), Нанайя, Хварэнаҳ (дар шакли ргп – Фарн), Тиштрийа (tys Тиш – ситораи Шаб – Оҳанг) ва дигар худоҳо низ маъмул буданд. Ба ин силсилаи худоёни накӯкор худои бадсигол – Аҳриман муқобил меистад, ки ба суғдӣ ба тарзи махсус Шимну (Smnu) талаффуз карда мешуд ва дар атрофи худ девҳои (ǒyw) бисёр дошт. Мо дар байни суғдиён бисёр мафҳуму тасаввуротеро мебинем, ки хеле пештар дар «Авесто» зикр шудаанд.

Масалан, маъбад вағн (βγn) ном дорад. Муаррихони асрҳои X–XIII (ва дигар маъхазҳои давраҳои сонитар) бисёр деҳаҳои Суғдро ном бурдаанд, ки дар таркиби номи онҳо калимаи фағн («бағн», «вағн») ҳаст ва он, бешубҳа, аз калимаи «вағн» бармеояд (ва инро бори аввал В. Б. Ҳеннинг муқаррар кард). Чунинанд деҳаҳои Миёнбағн (дар Вобканд), Вануфағ (н)-и қарибии Тавовис (дар атрофи Бухоро), Устувағн ва Хурбағн (дар Ғиждувон), Рустовағн ва Карасвағн (дар атрофи Самарқанд), Хушуфағн (дар қарибии Каттақӯрғон ё Самарқанд ё худ, эҳтимол, ду деҳа буд), Кукшибағн (дар қарибии Ургут) ва ғ. Ақидае ҳаст, ки маънои «хушуфағн» «шаш маъбад» мебошад. Хуллас, дар топонимикаи Суғд бисёр номҳое боқӣ мондаанд, ки асли онҳо калимаҳои суғдӣ буда, маънои «маъбад»-ро доранд. Вале агар мо ҳам мисли баъзе

---

[290] Беленитский А.М., Маршак Б.И., 1976, с. 75–86.

[291] Henning W., 1965; p. 248-250 (дар бораи Митра ниг.: Gershevitsh s., 1959); Кляшторний С.Г., Лившитс В.А., 1971, с. 133–134.

муаррихони имрӯза гумон кунем, ки мавқеи он ҷойҳое, ки номи онҳо дар таркиби худ калимаи суғдии «маъбад»-ро доранд ва ин ҷойҳо дар хоки Суғд ҷойгир шудани маъбадҳои зардуштиро айнан нишон медиҳанд, ба хатои дағал роҳ хоҳем дод. Дарвоқеъ, қонунияти пайдоиши номҳои мураккаб хеле амиқ ва печ дар печ аст. Худи ҳамин гапро дар бораи он номҳои мураккаби маҳалҳо гуфтан мумкин, ки дар таркиби худ Ву, яъне «олиҳа», «худо»-и суғдӣ доранд.

Номи пешвои маъбад, сардори маъбад вағнпат буд; ин истилоҳ дар «Мактубҳои қадимии суғдӣ» ҳам вомехӯрад. Ин ном дар ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ ҳам ҳаст. Курчи ном вағнпат (ҳуҷҷати I) дар иҷрои супориши муҳимми дипломатӣ иштирок кардааст. Ғайр аз ин дар дигар як ҳуҷҷати Қалъаи Муғ (А-5) муғпат зикр шуда» аст, ки маънояш пешвои муғон аст.

Дар қатори дини маҳаллӣ, ки онро ҳозир баъзан дини маздоия ҳам меноманд, дар Суғд дигар динҳо ҳам паҳн шуда буд. Дар ин давра буддоия обрӯи казоӣ надошт ва онро дигар динҳо танг карда буданд. Буддоия пайравони бисёр ҳам надошт, вале сарфи назар аз ин, аҳамияти буддоия ва дигар динҳои ҳиндуён дар ҳаёти Суғд паст набуд. Мувофиқи баъзе ривоятҳо, насрония хеле паҳн шуда будааст. Дар ибтидои асри VI дар Самарқанд епископи насронии равияи несторӣ менишаст, дар асри VIII бошад, ҷойи ӯро митрополит гирифт.[292] Дигар дин, ки онро монавия меномиданд, низ хеле реша давонда буд.

Дар ҳаёти Суғди тоисломӣ чи мақом доштани монавияро А.М.Беленитский муфассал тадқиқ кардааст. Қарибиҳои солҳои 600 дар байни монавиён тафриқа афтод, дар Осиёи Миёна мазҳаби диноварии монавиён барқарор гардид, ки маркази он дар Самарқанд буд. Ба ақидаи А.М.Беленитский, агар тахмин кунем, ки расмҳои рӯидеворӣи Панҷакент расмҳои монавӣ мебошанд, ба ҳамин шарт мазмуни онҳоро тафсир кардан мумкин аст.[293] Ва ин тафсир кори хеле душвор мебошад.

Кирои таъкид аст, ки ҳатто ҳамин материали на он қадар муфассал чӣ қадар мураккаб будани масъалаи ҳаёти Суғди асрҳои VI–VIII-ро равшан нишон медиҳад. Дар Суғд вуҷуд доштани динҳои гуногун боиси пайдо шудани системаҳои динии муттаҳида (синкретӣ) гардид.

## 4. ДИГАР НОҲИЯҲОИ ОСИЁИ МИЁНА

### Уструшан

Дар маъхазҳои хитоӣ ин ноҳия Сао (Саои шарқӣ), ё худ Су-дуй-ша-на (Suo-tuâi-şa-nâ)[294] номида шудааст. Маълумоти маъхазҳо дар бораи ин ноҳия ниҳоят кам аст. «Тан-шу» хабар медиҳад, ки қароргоҳи малик дар ёнаи шимолии кӯҳи Боси (ё Поси) мебошад (эҳтимол, қаторкӯҳи Туркистон бошад.– Б.Ғ.). Ин маҳал дар қадим ба шаҳри Арши, яъне Фарғона тобеъ буд. Ши (Тошканд) ва Кан (Самарқанд) аз ин ноҳия дар масофаи баробар воқеъ буданд. Тухоло

[292] Бартолд В.В., 1964, с. 275.
[293] Беленитский А. М., 1954, с. 39–52, 62–81; Беленитский А.М., 1959, с. 61–64.
[294] Су-дуй-ша-на боз якчанд вариантҳои дигар дорад, ки дар бораи онҳо ниг.: Chavannes E., 1903, p. 138.

(Тахористон) андак дуртар циониста мешуд. Йе-ча ном шаҳре низ буд, ки он ғори сарбастае дошт ва ба ин ғор соле ду бор қурбонӣ медоданд. Мардум ба даҳони ғор омада, рӯбарӯи он меистанд ва дуде, ки аз он зада мебаромад, одами аз ҳама наздик истодаро мекушт.

Дар солҳои 618–626 дар Су-дуй-ша-на малики ҷавоне ҳукмронӣ мекард. Ҳамроҳи Кан (Самарқанд) ин малик ба Хитой ҳайати сафорат фиристодааст.[295] Ба ақидаи Э. Шаванн, шаҳри Су-ду ҳам аз они ҳамин ноҳия буд.

Сюан-сзан ин ноҳияро Сутулисена номидааст ва хабар медиҳад, ки андозаи гирдогирди он 1400 ё 1500 ли мебошад (нисбат ба ноҳияи Чоч 1,5 баробар калонтар ва нисбат ба ноҳияи Самарқанд андак камтар.–Б.Ғ.) Сарҳадди шарқии ноҳия дарёи калонест (номи хитоии Сирдарё оварда шудааст, вале дар ин маврид Сюан-сзан ғалат рафтааст, яъне Сирдарё сарҳадди шимолии Уструшан аст, на сарҳадди шарқии он). Хӯрду хӯрок ва расму одати мардум айнан ҳамонест, ки дар Чоч аст. Аз он даврае, ки дар Сутулисена подшоҳ ҳаст, ноҳия ба туркҳо тобеъ мебошад. Дар тарафи шимолу ғарбии ноҳия биёбони бекароне ҳаст, ки на об дораду на алаф.[296]

Ба ҳамин тариқ, ҳудуде, ки ин ноҳия дар асрҳои VI–VIII дошт, аниқ маълум аст ва маркази он ҳавзаи Ӯротеппаю Шаҳристон буд. Дар ҷануб ноҳияи болооби Зарафшонро дар бар мегирифт ва, аз афти кор, то ба ёнаҳои шимолии қаторкӯҳи Ҳисор тӯл мекашид. Дар шимол ҳудуди ноҳия Сирдарё буд, дар шарқ бошад, сарҳадди ноҳия мулкҳои Хуҷанд ҳисоб мешуд (тахминан), дар шимолу ғарб бошад, мулкҳои Самарқанд (ба маънои васеи Самарқанд) ҳудуди ноҳия дониста мешуд. Дар бораи номи ноҳия ҳаминро гуфтан лозим, ки транскрипсияи хитоии он аз талаффузи аслии он хеле дур аст. Ҳатто географҳои асримиёнагии арабу форс ҳам номи ноҳияро ҳар яке ба тарзи худ навиштаанд ва ин ҳолат боиси ҳамин шуд, ки даъвоҳои беасосу нодуруст ба миён омад ва баъзе олимони ҳозиразамон иддао карданд, ки «Усрушан навиштан дурусттар мебошад.[297] Вале ин гуна олимон ба назар намегирифтанд, ки ҳам дар навишти хитоии ном ҳарфи «т» ҳаст ва дар талаффузи имрӯзаи тоҷикӣ ҳам ноҳия «Истравшан» («Истаравшан») аст, яъне «т» дорад.

Ниҳоят ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ ҳам қатъиян исбот карданд, ки дар ибтидои асрҳои миёна вилоят Уструшана[298] ном дошт, вале сонитар ҳарфи «т» соқит гардид, ҳокимони Уструшана соҳиби унвони «афшин» буданд.[299]

Дар майдони Уструшана ҳафриёти зиёде гузаронда шуд. Қароргоҳи афшинҳои Уструшана андак дуртар аз посёлкаи ҳозираи Шаҳристон воқеъ буд. Дар ин ҷо, дар соҳили ғарбии сойи Шаҳристон, дар ҷойи баланд димнаи Қалъаи Қаҳқаҳа ҷой дорад, ки деворҳои он нағз боқӣ мондаанд. Вусъати димна 5 га аст. Димна аз ду қисм иборат мебошад – дар тарафи ғарб 8–10 м болотар аз майдони димна теппаи арк қад афрохтааст.

---

[295] Бичурин, II, с. 138; Chavannes E. 1903, p. 37, 99, 136–139, 312.

[296] Beal S., 1906, I, p. 31–32. Дар тарҷимаи ҳоли Сюан-сзан («The Life of Hsuan-Tsang», 1959, p. 47) ягон маълумоти дигар ба назар намерасад.

[297] Неъматов Н., 1957, с. 16.

[298] Лившитс В.А., 1962, б, с. 87. 29

[299] Бартолд В.В., 1964, с. 497.

Аз арк қасри афшинҳои Уструшан ёфт шуд. Аз ҷумлаи хонаҳои қаср толори ниҳоят азим (вусъаташ 230 $м^2$) мақоми махсус дорад, Ин толор се қабат ва айвончае дорад, ки дар он тахт меистод. Дар шафати он толор боз як толори қабул ҳаст, ки он хурдтар мебошад, вале вусъати ҳамин толори «хурд» ҳам 95 $м^2$ аст. Дар ин ҷо инчунин ибодатхонаҳо, хонаҳои хоб, ошхона, нонвойхона, қӯрхона ва ғ. ҷойгир шудаанд. Так-таки деворҳои толор ва долон суфаҳои дароз сохта шудаанд ва дар даҳлезҳо, рӯбарӯи дари даромад, суфаҳо барҷаста пеш баромадаанд ва як навъ «эстрада»-ро ба вуҷуд овардаанд. Барои нигоҳ доштани озуқа дар фарши хона хумҳои бисёре шинонда шудаанд, ки зарфияти умумии онҳо қариб 10 $м^3$ мебошад. Девори толорҳо ва долонҳо саросар бо нақшу нигори назаррабо ва лавҳаҳои чӯбии кандакоришуда пӯшида шуда буданд.

Қаср муддати дароз вуҷуд дошт ва ниҳоят туъмаи оташ гардид. Ба касофати сӯхтор аксари ороиши он нобуд шуд, вале ҳамон қисми ночизе, ки то ба рӯзҳои мо расидааст, аз санъати баланди Уструшани давраҳои қадим шаҳодат медиҳад.

Дар қисми поёнии долоне, ки кӯндаланг тамоми иншоотро бурида гузаштааст, силсилаи расмҳои аҷоиб ба назар мерасад. Дар тарафи чапи расм марде тасвир шудааст, ки дар болои кати қолинфарш нишастааст. Андак дуртар аз ин мард расми як зану як мард менамояд, ки кӯдакеро дудаста дошта истодаанд. Дар паҳлуи онҳо боз расми як мард ҳасту дар қафои вай як чизи «дарёмонанд» кашида шудааст ва дар рӯйи он як махлуқи моҳибашара тасвир ёфтааст. Баъди ин чанд одам хира менамоянд, ки ба тарафи чап, ба тарафи «дарё» рафта истодаанд. Ин қисми расм хеле зарар дидааст ва қариб базӯр менамояд. Ниҳоят, баъди ин одамон расми модагурги калоне ҳаст, ки сарашро ба рост гардонда, ба қафояш менигарад ва ду кӯдак синаи модагургро макида истодаанд.

Н.Н.Неъматов аввал пайдоиши ин расмро андак рӯякӣ шарҳ додааст ва гумон кардааст, ки расми мазкур ба ин ҷо дар асрҳои V–VII эраи мо аз соҳилҳои баҳри Миёназамин омадааст, вале гуфтан даркор, инчунин қайд кардааст, ки дар Осиёи Миёна «барои азхудкунии анъанаҳои асотирии насронияи Ғарб заминаи муайяни динӣ вуҷуд дошт»[300].

Дар нашри русии китоб мо таъкид карда будем, ки халқҳои гуногуни Осиёи Миёна ва Марказӣ ривоятҳое доранд, ки ба ривояти машҳури этрусскуримӣ хеле монанд аст. Сабаби дар Осиёи Миёна вуҷуд доштани ин расмро бояд дар ҳамин донист, ки ривояти модагургро макида ба воя расидани шоҳзода (ё шоҳзодагон) дар Шарқ дар давраҳои ниҳоят қадим пайдо шуда буд.[301] Н.Н.Неъматов дар асарҳои минбаъдааш ақидаи худаш ва ақидаи моро дар ин бобат хеле инкишоф дода, фикри худро хеле мукаммал намуд,[302] вале гуфтан даркор, ки оид ба якчанд нуктаҳои муҳим ҳоло ҳам ақидаи вай баҳснок мебошад.

---

[300] Неъматов Н. Н., 1968, с. 33–34.

[301] Оид ба тадқиқи муфассали ин масъала ниг.: Binder G., 1964; инчунин тақризеро, ки оид ба ин китоб баромадааст, ниг.: Assmғssen J., 1967; Bivar A.D.H., 1967, p. 512. Мадракоти пурарзиш дар маълумотномаи зерин ҳам ҳаст: Thompson S., 1955.

[302] Неъматов Н.Н., Соколовский В. М., 1975.

Дар толори хурд пораҳои расмҳое гирд омадаанд, ки аз унсурҳои алоҳидаи тамоми композитсия маълумот медиҳанд. Масалан, чунин аст расми се савори дартоз, ки дар бар либоси ҷангӣ доранд ва ба тарафи чап рафта истодаанд. Дар таги суми аспҳо мурдаи душман тасвир ёфтааст. Инчунин расмҳои якчанд олиҳаву худоҳо ба назар мерасанд, масалан, расми худои чордаста, расми олиҳаи ҳоладор, ки дар болои шери лаҷомзада нишастааст, боз як расми дев менамояд, ки дандонҳояшро гиз карда истодааст. Боз як расми олиҳаи чордастаи шерсавор ҳаст, ки ба тарафи вай ҷанговаре савори ароба давида истодааст ва ба ароба аспҳои болдор қӯш карда шудаанд. Худи ҷанговарон низ ҳама бол доштаанд. Бисёр дигар расмҳое низ ба даст омадаанд, ки дар онҳо манзараҳои муҳорибаҳо ва зисту зиндагонии мардум (масалан, расми духтари уднавоз) инъикос гардидаанд. Расмҳо бағоят аниқу дақиқ, равшану возеҳ ва бо маҳорати комил кашида шудаанд, ҳама расмҳо бисёррангаанд, тобиши рангҳо ниҳоят гӯё буда, бештар ранги кабуд ва зарду сурхча истифода шудаанд.[303]

Н.Н.Неъматов менависад, ки аз харобаҳои қаср қариб 200 пораҳои чӯбҳои кандакорӣ ёфт шуданд. Аз ҷумла «...якчанд ҳайкалчаҳои одамону парандагон ва варақаву лавҳаҳои зиёде дастрас гардидаанд, ки соҳиби манзараҳои мукаммалсюжет буда, дар онҳо расми одамон, ҳайвонот, парандагон, коҳинон тасвир шудаанд. Инчунин арақаи аҷоиби таги равоқ ёфт шуд, ки дар он расми одамон сабт гардидааст. Боз як пештоқ (тимпан) ба даст омад, ки ҳамто надорад.

Дар вусъати ин пештоқ ривояти қадимиэронии муборизаи бадию некӣ инъикос шудааст, ки дар он образҳои шоҳзода Фаридун, Коваи оҳангар ва шоҳ Заҳҳоки одамхӯри мордаркитф таҷассум ёфтааст.[304] Ин пештоқ ва умуман, тамоми осори санъати шаҳристон барои тадқиқи маданияти бадеӣ, асотир ва зисту зиндагонии Осиёи Миёнаи аввалҳои асрҳои миёна аҳамияти ниҳоят калон дорад.

Андаке дуртар аз димнаи номбурда теппаи дигар ҳаст, ки онро қалъаи Каҳқаҳаи II мегӯянд. Тарҳи ин қалъа тамоман дигар аст. Майдончаи (210х230 м) ҳамвори чоркунҷа гирдогирд девор дорад. Дар яке аз гӯшаҳои майдонча теппае ҳаст. Маълум шуд, ки дар таги ин теппа харобаҳои бинои сеошёнаи қасрмонанд ниҳон будааст. Дар ин ҷо ҳам бисёр толорҳои ташрифот ва хонаҳои истиқоматӣ ёфт шудаанд. Шифти хонаҳо хиштини гунбазӣ ва муқаррарии болорпӯши сутундор мебошанд. Бинои ёфтшуда қасри истеҳкомдор буда, деворҳояш пур аз нақшунигор ва болору шифту сутунҳояш кандакорӣ шудаанд.[305]

Дигар ёдгории Шаҳристон – Чилҳуҷра, ки дар қарибии андароби Кулқутан ва сойи Шаҳристон воқеъ аст, чунон хуб боқӣ мондааст, ки кас дар ҳайрат мемонад. Ин бинои дуошёнаи қасрмонанд мебошад. Иморат таърихи дурударози мураккаб дорад ва борҳо аз дигар сохта шудааст. Вале сарфи назар аз ин хонаҳои ошёнаи якум ва қисми хонаҳои ошёнаи дувум чунон хуб боқӣ мондаанд, ки дар бораи сохти аслию аввалаи иморат ба мо маълумоти пурра

[303] Неъматов Н.Н., 1973.
[304] Неъматов Н.Н.,Соколовский В. М., 1975, с. 438-439.
[305] Неъматов Н.Н. ва Хмелнитский С.Г., 1966.

медиҳад.[306] Қасри Ӯртақӯрғон, ки дар қарибии Чилҳуҷра воқеъ аст, низ ҷолиби диққат мебошад.

Мо расму суратҳо ва чӯбҳои кандакории иморатҳои Уструшанро дар боло зикр карда будем. Ин расму суратҳо дар айни ҳол ёдгории маданияти бадеӣ мебошанд, онҳо инчунин маъхазе мебошад, ки дар асоси он дар бораи идеологияи уструшаниҳо, аз ҷумла дар бораи дини уструшаниҳо тасаввуроте ҳосил кардан мумкин аст. Мувофиқи баъзе мадракоти мавҷуда, масалан, аз рӯйи мурофиаи ҷинояти Ҳайдар ном афшин (асри IX), ки гуноҳаш пинҳонӣ парастидани дини ниёгони қадимааш будааст, ба чунин хулоса омадан мумкин, ки дар Уструшан равияи осиёимиёнагии зардуштия ҷараён доштааст[307] ва ин равияи зардуштия аз зардуштияи суғдӣ фарқи казоие надошт. Масалан, маълумоте ҳаст, ки маросими дар оссуарий дафн кардан маъмул буд.

Забони уструшаниҳо яке аз лаҳҷаҳои забони суғдӣ мебошад. Дар Чилҳуҷра ҳуҷҷатҳое ёфт шуданд, ки бо ранги сиёҳ дар тахтачаҳо сабт гардидаанд. Яке аз ин ҳуҷҷатҳо пурра ба дасти мо расидааст ва онро В.А.Лившитс хондааст. Ин ҳуҷҷат ҳам мисли ҳуҷҷатҳои суғдӣ мебошад. Мазмуни он чунин аст: «Бипурсидам, ман Чийус, дар 39-ум рӯзи [сар карда] аз рӯзи ватӣ [рӯзи 22-юми моҳи суғдӣ] моҳи вағониҷ [моҳи 8-уми соли суғдӣ] харҳоро. Фарнарч овард онҳоро барои ман аз [деҳаи] Атрипазмак [ва 30 тан] байни онҳо якто ҳам бадаш набуд». Дар қафои тахтача чунин ибора ҳаст: «Нависанда Гушнаспич бо супориши Фарнарч». Услуби хат ба услуби хатти ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ хеле монанд аст.[308]

Ҷолиби диққат аст, ки чунонки дар Суғд мебинем, дар Уструшан ҳам котибони касбӣ будаанд ва акнун мо номи яке аз он котибонро медонем. Аз дигар тараф, номи одамон хоси номи зардуштиён аст

Дар бораи равнақу ривоҷи косибӣ, зироат ва ғ. низ маълумот ба даст омадааст. Ҳамаи ин материалҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар ибтидои асрҳои миёна Уструшан маданияти баланде дошт ва бисёр падидаҳои ин маданият ба маданияти Суғд хеле наздик ва баъзан айнан ба он монанд буд.

## Фарғона

Дар маъхазҳои хориҷӣ Фарғона дар асрҳои VI–VII Фейхан, Бохан, Паханна номида шудааст. Дар асоси ин транскрипсия ва номи суғдии Фарғона гуфтан мумкин аст, ки дар қадим Фарғона Фар[о]ғона ё Фрағона талаффуз карда мешуд.[309]

Мувофиқи хабари Сюан-сзан, Фарғона аз чор тараф бо кӯҳҳо иҳота шудааст.[310] Ин гап далели ҳамин, ки дар асри VII Фарғона гуфта, водии Фарғонаро дар назар доштанд. Сюан-сзан боз менависад, ки замини Фарғона пурфайзу серҳосили пуроб асту аз гулу мева саршор мебошад. Аспу говҳои

---

[306] Пӯлодов Ӯ.П., 1968.
[307] Пӯлодов Ӯ.П., 1968, с. 20-21.
[308] Chavannes E., 1903 P- 148.
[309] Лившитс В.А., 1962 б, p. 85.
[310] Bea1 8., 1906, I, p. 30.

Фарғона шуҳрати зиёд доранд.[311] Хой Чао ба ин гапҳо боз илова мекунад, ки дар Фарғона аспу хачиру гӯсфанд ҳаст. Пахта мекоранд, либосро аз пӯст (яъне аз чарм ё пашм.– Б.F.) ва пахта медӯзанд.[312]

Силсилаи олии Фарғона дар муддати чандин аср гусиста нашудааст.[313] Фақат тақрибан соли 630 ноҳияи Фарғона ягон даҳ сол бе подшоҳ буд. Мувофиқи хабари маъхазҳо, ҳокимони зӯртар ниҳоят тавоно шуда мерафтанд ва онҳо ба ҳамдигар итоат надоштанд.[314]

Қарибиҳои соли 720 дар Фарғона подшоҳи муқтадире ҳукм меронд, ки маъхазҳои арабӣ ӯро Алутар гуфтаанд.[315]

Ҳокимони Фарғона унвони маҳаллӣ доштанд, ки он «ихшид» ё «ихшад» буд. Андаке сонитар, дар соли 726 дар Фарғона ду ихшид буд: ихшиди мулкҳояш дар ҷануби дарё буда ба арабҳо ва ихшиди мулкҳояш дар шимоли дарё буда ба туркҳо итоат мекард.[316] Соли 739 дар Фарғона Арслон Тархон ном турк ҳукмронӣ мекард.[317] Дар он давраҳо пойтахти Фарғона, мувофиқи баъзе маъхазҳо, шаҳри Косон ва, аз рӯйи як қатор дигар маъхазҳо, Ахсикат буд.[318]

Тавсифу тафсири воқеаҳои давраи истилои араб далолат менамояд, ки Фарғона сарзамини тавоное буд ва дар ҳаёти сиёсии Осиёи Миёна мақоми муҳим дошт. Яке аз сабабҳои ин иқтидори ҳарбӣ он буд, ки ба пойгоҳи мустаҳками иқтисодӣ такя мекард. Дар боло қайд карда будем, ки хоҷагии қишлоқ, ҳам зироат ва ҳам чорводорӣ хеле равнақу ривоҷ дошт. Маҳорати косибони Фарғона ҳам ба дараҷаи баланд расида буд. Ҳамин ҷиҳат ҳам хеле аҳамият дошт, ки савдои хориҷӣ басо вусъат ёфта буд ва ба мамлакатҳои ҳамсоя аспҳои хушзот, доруворӣ, рангубор, маснуоти шишагии нилранг ва ғ. ба фурӯш мерафт.[319]

Харобаҳои Косон дар канори Косонсой воқеъ буд, ки аз ду қисм – аз шаҳр ва аз қалъа иборат аст. Тарҳи шаҳр ба шакли трапетсия буда, андозаи тарафҳои он 160, 180 ва 80 м мебошад. Девори шаҳр морпечи шикаста аст ва дар гӯшаҳо бурҷҳои мустаҳкам дорад. Арк дар ҷанубу ғарби шаҳр ҷой гирифтааст. Иқтидори мудофиаи шаҳрро боз девори иловагие меафзуд, ки 15 м дарунтар аз девори асосӣ сохта шуда буд ва паси дарвозаи шаҳрро банд мекард. Қалъа андаке дуртар аз шаҳр дар баландие меистод (умуман, намуди ин ҷой Қалъаи Қаҳқаҳаи I ва II-и Шаҳристонро ба хотир меоварад). Қалъа ин девори ғафсу мустаҳкаме мебошад, ки майдончаи вусъаташ 90х70 м бударо гирдогирд печонида гирифтааст. Девори мазкурро боз шаш бурҷи дигар мустаҳкамтар кардаанд. Аз ин майдонча то дарвозаи шаҳр ду қатор девор

[311] Ibid, p. 30–31

[312] Fucsh W., 1938, 8. 452.

[313] Бичурин, II, с. 319.

[314] Fucsh W., 1938, 8. 452.

[315] Пештар номи ин подшоҳро Аттор мехонданд (ва дар имлои арабӣ ин гуна хондан раво аст) ва В.А. Лившитс, ҳатто этимологияи ин номро пешниҳод кард, ки он «сиёҳ» мебошад (Лившитс В.А., 1962 б, с.85). Алутар талаффуз шудани ин номро О.И.Смирнова (1969, с. 213–214) муқаррар кардааст.

[316] Fucsh W., 1938, 8. 452.

[317] Chavannes E., 1903, p. 149.

[318] Дар бораи пойтахти Фарғона дар ибтидои асрҳои миёна ва вобаста ба ин таҳлили маъхазҳоро (вале маълумоти онҳо ба ҳамдигар хилоф аст) ниг.: Бартолд В.В., 1965 в, с. 529

[319] Schafer E. H., 1963, p. 64-65, 212-236.

будааст, ки аз афти кор, роҳи байни шаҳру қалъаро муҳофизат мекард ва ҳардуро ба ҳам мепайваст. Тӯли умумии атрофи ҳамаи ин харобаҳо ба 2 км мерасад. Соли 1948 дар ин ҷо А.Н. Бернштам каме ҳафриёт карда буд. Маълум шуд, ки ин маскан ҳанӯз дар давраи Кушониён низ вуҷуд доштааст. Дар болои ана ҳамин маскан ва ҳамин масканро ба асос гирифта, дар ибтидои асрҳои миёна Косон қомат афрохт ва иморатҳои сершумору қалъаи мустаҳками худро барпо намуд.[320]

Дар ибтидои асрҳои миёна дигар шаҳри марказии Фарғона шаҳри Қува буд, ки дар он ҷо археологҳои Ӯзбекистон ҳафриёт мебаранд.[321]

Маркази ноҳияи Исфара – қароргоҳи ҳоким Қалъаи Боло буд. Қалъаи Боло дар соҳили дарёи Исфара, 4 км ҷанубтари ноҳияи ҳозираи Исфара ҷой дорад. Баландии қалъа 11–12 м, андозааш 16Х65 м. Ҳангоми ҳафриёти қалъа, ки ба он Е.А.Давидович роҳбарӣ мекард, маълум шуд, ки дар асрҳои VI–VII, дар вақти бардоштани таҳкурсии баланди қалъа, дар таги ин таҳкурсӣ деворҳои кадом як бинои қадимтаре монда будааст. Дар асрҳои VI–VIII ин қалъа дар болои таҳкурсии баланде меистоду деворҳои ғафси қалъа пур аз тиркашҳо буд. Ин қалъа бурҷҳои муқаррарӣ, ки хоси санъати меъмории қалъа мебошад, надошт, вале ба ҷойи ин тарҳи беруни девори қалъа зинапояҳои махсус дошту имкон медод, ки аз ду паҳлу ҳам душман тирборон карда шавад. Даруни қалъа иборат аз ҳавличаест, ки дар шимоли он воқеъ буд, дар ҷануби қалъа чанд хонаҳои истиқоматӣ ва хоҷагӣ барпо шуда буд. Деворҳо бо похсаи муқаррарӣ ва хишти чорқирраи хоми андозааш 52х26х10 м бардошта шудаанд, деворҳои бинои қадимтари таги таҳкурсии қалъа ҳам аз чунин масолеҳ сохта шудаанд. Деворҳо ҳама андова буда, ранги деворҳои дарун сиёҳ аст ва деворҳои берун нақши хиштӣ доранд. Хонаҳои чоркунҷа бо сақфҳои шарафадори гунбазшакл пӯшида шудаанд.

Ғайр аз Қалъаи Боло, ки дар водӣ сохта шудааст, дар ноҳияи Исфара дизҳо, яъне қалъаҳои кӯҳӣ низ буданд, ки дар рӯйи мунчакӯҳҳои мусаттаҳ сохта мешуданд. Масалан, чунин аст Қалъаи Кофир, ки дар соҳили чапи рӯди Исфара ҷой дорад. Дар ин мавзеъ як тарафи мунчакӯҳ рост то ба 50–60 м ба лаби дарё мефарояд. Аз ин тараф ба қалъа баромадан ҳеҷ имкон надорад. Аз дигар тарафҳо ҳам ба қалъа наздик шудан душвор аст. Дар болои ин мунчакӯҳ дар майдончае (80х60 м) боқимондаи девори қалъа ёфт шуд, ки замоне вуҷуд доштааст. Тарҳи девори ин қалъа печдарпечи каҷукилеб буда, мувофиқан ба шакли сатҳи болои мунчакӯҳ сохта шудааст ва девор се бурҷ доштааст. Ин қалъаи себурҷа қалъаи дастнорасе буд. Ин гуна қалъачаҳо дар қарибии деҳаҳои Сурх, Ворух ва ғайра низ сохта шуда буданд. Онҳо гӯё сипаре буданд, ки даромадгоҳи водии Исфараро муҳофизат карда, дар пеши роҳи душман садди рахнанопазире мегардиданд. Дар айни ҳол, худи ҳамон қалъаҳо такягоҳи мустаҳками феодалҳои маҳаллӣ буданд ва онҳо имкон медоданд, ки ба тақсими об соҳибӣ кунанд.[322]

Қалъаҳои кӯҳӣ ва қалъаҳои дигар, ки дар водӣ сохта шуда буданд, дар он давраҳо дар ноҳияи Ашт ҳам вуҷуд доштанд. Дар ҷануби Фарғона, дар водии

320 Бернштам А.Н., 1952, с. 233-244.
321 Булатова-Левина В.А., 1961, с. 41-43.
322 Давидович Е.А., 1958; Давидович Е.А. ва Литвинский Б.А., 1955, с. 144-147, 165–174.

дарёи Хоҷабоқирғон (ноҳияи Лайлаки РСС Қирғизистон) харобаҳои ҳавлии калони қадимии ҳокиме ёфт шуд. Ба туфайли ҳафриёте, ки Г.А.Брикина дар ин ҷо гузаронд, иморатҳои зиёде падид омад, ки дар байни онҳо биноҳои хоҷагӣ (масалан, анборе, ки дар он 16 хум будааст) ва хонаҳои истиқоматӣ ҳастанд. Дар ибодатхонаи ҳавлӣ, ки деворҳояш пури нақшунигор мебошад, чанд суфача ба назар расид. Дар яке аз суфачаҳо бутҳои гаҷии одамсимое истодаанд, ки бо услуби махсус сохта шудаанд. Дар худи ҳамин ҷо се бухурдон ёфт шуд. Г.А. Брикина фаразияе пешниҳод кард, ки дар ин ибодатхона ба арвоҳи ниёгон ибодат мекарданд ва, ба фикри мо, ин ақидаи вай аз ҳақиқат дур нест.[323]

Дар водии Фарғона дар қатори аҳолии тубҷой аҳолии кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ ҳам бисёр буд. Дар қаторкӯҳи Қурама, дар ҳамон қисми он, ки кӯҳи Қаромазор ном дорад (шимоли вилояти Ленинобод), чанд осори маросими дафн ёфт шуд, ки онҳо маҳз ба ҳамин аҳолии кӯчманчию нимкӯчманчӣ тааллуқ дорад. Дар ин ноҳия аз посёлкаи Қуруқсой сар карда, то худи Ашт ва Понғоз бисёр гӯрҳое ёфт шуданд, ки сангпӯш мебошанд ва мардуми тубҷой он гӯрҳоро «қурама» ё «муғхона» меноманд.

Ба туфайли тадқиқоти археологӣ маълум шуд, ки ин гӯрҳо, дар ҳақиқат, сағонаи калоне доштаанду ба он сағона нақби махсус канда шудааст. Дар ин сағона як ё якчанд устухони одамӣ ва асбобу ашёи маросими дафн – косаву табақ, яроқу аслиҳа, зебу зинат ва ғ. ҳастанд. Дар яке аз сағонаҳо ҳатто асперо гӯр кардаанд. Як рикобе ҳам ёфт шуд, ки маҳсули косибони Осиёи Марказӣ мебошаду баъд дар асрҳои V–VI дар Осиёи Миёна маъмул гардидааст.[324]

Баъзе аз гӯрҳо, аз ҷумла, баъзе муғхонаҳо, эҳтимол, бо туркон алоқаманд бошад, беҳуда нест, ки дар як ангуштарини биринҷие, ки дар яке аз муғхонаҳо ёфт шудааст, ҳатто ба назар мерасад, ки аз чор ҳарфи рунии туркии қадимӣ иборат мебошад ва номи соҳиби ангуштаринро ифода мекунад.[325]

Дар Фарғона алҳол бисёр ёдгории хаттии рунии миёнаи туркӣ ба даст омадааст.[326] Шумораи ин гуна бозёфтҳо рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Онҳо инчунин дар қисми тоҷикистонии Фарғона, аниқтараш, дар кӯҳҳои Қаромазор ва дар водии Исфара ёфт шудаанд. Ёдгории хатти рунӣ, гӯрҳои туркӣ ва мадракоти маъхазҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар аввалҳои асрҳои миёна туркон на фақат дар таърихи сиёсӣ, балки дар таърихи этникии Фарғона ҳам таъсире доштанд.

Ин нукта ба ноҳияи ҳамсояи Фарғона – ба Чоч ва, алалхусус, ба Ҳафтрӯд ҳам пурра дахл дорад. Вале, мутаассифона, мо имкон надорем, ки дар таърихи ин ноҳияҳо, ҳамчунин дар таърихи Хоразму Туркманистони ҷанубӣ ва ёдгориҳои аҷоиби он ҷойҳо таваққуф намоем.

Чанд маълумоту мадракот ҳаст, ки қисми асосии аҳолии Фарғонаи қадим аслан мардуми шарқиэронӣ буданд, инчунин забони махсуси фарғонагӣ вуҷуд дошт, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ мансуб буд.[327]

---

323 Брикина Г.А., 1971 а; 1971 б.

324 Дар бораи муғхона (ё қурамаҳо) ниг.: Воронетс М.Э., 1957; Спришевский В.И., 1956; Литвинский Б.А., 1959; Литвинский Б.А., 1972.

325 Кляшторний С.Г., 1959.

326 Заднепровский Ю.А., 1967.

327 Лившитс В.А., 1969, Литвинский Б.А., 1976, с. 55–61.

## 5. СОХТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ. ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ФЕОДАЛӢ

Маъхазҳои хаттӣ дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодии давраҳои аввали асримиёнагии Осиёи Миёна он қадар маълумоти воқеӣ намедиҳанд, ки сохти иҷтимоию иқтисодии асрҳои V–VIII Осиёи Миёнаро, алалхусус, рафти инкишофи онро муфассал тадқиқ кардан мумкин бошад. То ба қарибиҳо муаррихон маҷбур буданд, ки танҳо ба маълумоти ниҳоят кам, ба маълумоти, бе муболиға, ночизи маъхазҳои арабию форсии давраҳои сонитар қаноат кунанд.

Ҳатто дар ҷилди II-юми муфассалу макаммали «Таърихи халқи тоҷик» (М., 1964), ки ба ин масъала бахшида шудааст, дар қисми маъхазҳои хаттӣ фақат таъвили маълумотҳои маъхазҳои арабию форсӣ ба назар мерасад.

Мо дар ин боб муфассал таваққуф намекунем, балки ба он маълумоте рӯ меоварем, ки ба ҳамон давраҳо тааллуқ дошта, дар ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ ва дигар ҳуҷҷатҳои суғдизабон, аз ҷумла, дар ҳуҷҷатҳои хоразмӣ зикр гардидаанд.

Дар яке аз ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ, ки дар бораи воқеаҳои Кӯча нақл мекунад, тамоми ҷамъият, яъне халқ (n'β, n'βw) аз се табақа - ашроф (''ztk'r), тоҷирон (γw' kry) ва «коркунон» (k'ryk'r), яъне зироаткорон ва косибон иборат аст. Ғайр аз ин чанд тоифаи ғуломон мавҷуд буд. И.Гершевич ва В.А.Лившитс дар асоси таҳлили истилоҳоти ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ тахмин мекунанд, ки дар Суғди асри VII ва ибтидои асри VIII чанд тоифа ғуломон ва бандагон вуҷуд доштанд – масалан, ғуломони муқаррарӣ (βntk ё σyh), ғуломони гаравӣ (np'k), асирони ғуломшуда (wn''k') ва ниҳоят, «ба васигӣ додашудагон» (γγpσ) буданд. Зимнан соҳибхона ҳақ дошт узви хонаводаи худро ба ғуломӣ диҳад.[328] Дар катибаҳои рӯйи оссуарийҳои Тӯққалъа (Хоразм) истилоҳи ҳунаник (ғулом) ба назар мерасад.[329] Дар маъхазҳои арабии давраи истилои Осиёи Миёна рӯирост ишорат ҳаст, ки дар Суғди ибтидои асри VIII ғуломон бисёр буданд.[330]

Вале ба ҳар ҳол на ғуломон, балки тоифаҳои гуногуни коркунони шаҳру деҳот қувваи асосии истеҳсолкунанда буданд. Деҳқононе, ки барои иҷрои коре сафарбар карда мешуданд, дар ҳуҷҷатҳо mrtγmkt («мардум») номида шудаанд. Ғайр аз ин 'rkr'kt номи тоифае ба назар мерасад, ки бо исботи забоншиносон маънои «маҷбуран коркунанда»-ро дорад. Инчунин mr'z ном тоифае низ вуҷуд дошт ва он коркунонеро дар бар мегирифт, ки барои музде кор мекарданд.[331] Хокпошон ба ду тоифа – ба тоифаи кштичкорон (kšt ckr'k ва кашоварзон (kšwrzy mrty, ks wrz'k) тақсим мешуданд ва ба ақидаи И.Гершевич онҳо «зироаткор» буданд (онҳоро вай farmer ва Plughman гуфтааст). Деҳқонони зироаткор кадивар ном доштанд. Ҷамоати деҳот (шояд агнатӣ бошанд?) мақоми муҳимро соҳиб буд ва дар ҳуҷҷатҳо бо унвони n'β зикр шудаанд (ин истилоҳот, инчунин ба маънои «мардум» ва «кишвар» ҳам меоянд).

---

328 Лившитс В.А., 1962 6, с. 34-37.
329 Гудкова А.В., Лившитс В. А., 1967, с. 14.
330 Оид ба ин материалҳо ниг.: Смирнова О.И ,1957, 1960.
331 Оид ба истилоҳот, инчунин ниг.: Боголюбов М.Н., Смирнова О., 1963,1 с. 9.

Деҳқонон ба ҷумлаи синфи ҳукмрон озодҳо дохил мешуданд.[332] Дар ибтидои асрҳои миёна (ва қисман дар даврахои мутараққии асрҳои миёна) деҳқон заминдори калоне буд, ки ба як вилояти калон (масалан, ба Бухоро ё Чоч барин вилоятҳо), ба як ноҳия ё худ ба як маҳаллае ҳукмронӣ мекард. Дар маъхазҳо онҳо «деҳқонони акбар» ё худ танҳо «деҳқон» номида шудаанд. Доираи ҳукми ин қабил деҳқонон, алалхусус барои ҳамин ҳам хеле васеъ буд, ки онҳо дар ихтиёри худ дастаҳои сершумори ҳарбӣ доштанд ва аъзои ин дастаҳоро чақирҳо (ё шақирҳо) меномиданд. Сюан-сзан дар бораи Самарқанд сухан ронда менависад: «Лашкари онҳо тавоно аст ва аскари он аз чжэ-гэ (чақирҳо) иборат мебошад. Феъли чжэ-гэ ниҳоят тезутунд ва худи онҳо нотарсу ҷасуранд.

Ба ақидаи онҳо, реҳлат ба он дунё бозгашт ба хонаи худ аст. Агар ҳамла кунанд, чизе садди роҳи онҳо шуда наметавонад». Дигар маъхаз Ан (яъне Бухоро)-ро тасвир карда, менависад, ки чжэ-гэ «мардуми ғаюру ҷасур» мебошанд»[333].

Дар маъхазҳои арабию форсӣ ҳам чақирҳо бисёр номбар шудаанд. Ҳамаи ин мадракотро ҷамъбаст намуда,[334] ба хулосае омадан мумкин, ки ҳокимон ва деҳқонон дастаҳои сершумори ҳарбӣ доштанд, онҳо аз ҷумлаи тоифаҳои озоди мардум ташкил мешуданд ва онҳоро чақир меномиданд. Чақирҳо ҳарбиёни касбӣ буданд ва маҳз онҳо маркази лашкар ҳисоб мешуданд. Шумори чақирҳои баъзе ҳокимон аз ҳазорҳо беш буд.

Ҳам аз ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ ва ҳам аз маъхазҳои арабӣ чунин бармеояд, ки дар байни синфи ҳукмрон дараҷоти мураккаби тобеият вуҷуд дошт. Баландтарин нуқтаи ин дараҷот ихшид буд. Ҳанӯз дар «Мактубҳои қадимии суғдӣ» (ибтидои асри IV) ихшиди деҳаи Тамархуш зикр шудааст, ки деҳа дар водии Исфара ҷой дорад ва дар асрҳои IX-X ҳам маълум буд. Дар ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ истилоҳи «ихшид» бо идеограммаи MLK’ (яъне «малик») ифода ёфтааст. Муаррихони арабу форсизабони асрҳои миёна ин истилоҳро ҳамчун «шоҳи шоҳон» маънидод мекарданд ва ба ин асос ҳам доштанд, маънои аслии он дар ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Миёна ба истилоҳи «ҳокими олӣ» мусовӣ буд.

Мувофиқи маълумоти Наршахӣ, мо воқиф шудем, ки деҳқонҳо либоси махсус ва камари заррин доштанд (ва ин маълумоти Наршахиро материалҳои иконографии на фақат Суғд, балки Тахористон ҳам пурра тасдиқ менамоянд). Наршахӣ ривоят мекунад, ки маликаи Бухоро дар арафаи истилои арабҳо дар тахт менишаст (аниқтараш аз номи писараш подшоҳӣ мекард), одатан ҳар рӯз аз арки Бухоро баромада, болои тахт менишасту машғули ҳалли масъалаҳои давлатӣ мешуд, фармону супоришҳо медод, аз ҷумла мукофоту муҷозот низ дар уҳдаи вай буд. Ҳар рӯз дусад деҳқонони навҷавон ба саломи вай меомаданд ва ба ду тараф қатор шуда, то ғуруби офтоб меистоданду баъд ба деҳаҳои худ бармегаштанд.

[332] Ин калима дучори таҳаввулоти тӯлонӣ гардидааст. Дар айни ҳол, фақат ба маънои зироаткори одӣ меояд.
[333] Beal S., 1906; Pulleyblank E. .G, 348–349.
[334] Манделштам А.М., 1954.

Рӯзи дигар ба ҷойи онҳо боз дусад деҳқони дигар ҳозир мешуданд. Ҳамаи ин маросим ба сифати хизмат буд ва зимнан ба ҳар гурӯҳ соле чор бор навбат мерасид.[335]

Ба туфайли ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ мо дар бораи тартиби маъмурии Суғд тасаввуре ҳосил мекунем.

Ба ҳайати маъмурияти марказии мулкҳои калони Осиёи Миёна *тудун* ном яке аз мансабҳои олитарин, ки, эҳтимол, сардори маъмурияти гражданӣ буд ва инчунин *тархон* дохил мешуд. Боз як мансаби олӣ n' ztγryw, n' ztγr' yw («наздикон», «ёрдамчӣ») буд. Мақоми δр' yrpt - дапирпат (яъне «саркотиб», «сардори дабирон») низ хеле баланд буд. Коргузори хоҷагии дарбор – фрамандор ба дахлу харҷи маҳсулоти зироат, маснуоти косибон ва масолеҳи ҷанг мутасаддӣ буд, вай фармон мебаровард, ки фалон чиз фалон қадар ба фалон кас дода шавад, молу ашёро ба рӯихат мегирифт ва харҷи онро қайд мекард. Мақоми вай низ ниҳоят баланд буд, дар ихтиёри худ коркунони бисёре дошт (аниқтараш вакилони махсус дошт), ӯро мисли худи малик иззату ҳурмат мекарданд ва ба вай «соҳиб, малик, пуштибони аъзам, фрамандар» гӯён муроҷиат мекарданд. Ғайр аз ин мансабҳо соҳибони мансаби «мири соқӣ», «мири шифо», «мири охур» ва «мири чорбоғ» вазифаҳои махсусро иҷро мекарданд. Инчунин мансаби ҷаллод ҳам буд (ҳуҷҷати А-5). Дар ҳуҷҷати В-4 бо истилоҳи 'wrnyk'm амалдоре зикр шудааст, ки аз афти кор, ким-чӣ хел вазифаи политсияро баҷо меовард. Инчунин амлокдорон ҳам буданд. Идораи лашкар низ вазифаи муҳим дониста мешуд. Дар ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ «сарлашкар» (š'ykn) зикр гардидааст.

Дар баробари маъмурияти марказӣ маъмурияти маҳаллӣ ҳам вуҷуд дошт. Маъмурияти маҳаллӣ сардорони деҳа ва заминҳои атрофи он (ба истилоҳ онҳоро «деҳхудо» гуфтаанд), «арбобони деҳа», «арспона» ва «соҳиб»-ро дар бар мегирифт.[336]

Вазифаи асосии тамоми ин системаи маъмурӣ аз аҳли меҳнат кашида гирифтани хироҷу андозу закот буд. Ин «идораи иҷбор» мисли соати равғанхӯрда бекамукост амал мекард. Тамоми дахлу харҷу нақлу ҳамли молиёт хеле аниқу дақиқ ба ҳисоб гирифта шуда, дар ҳуҷҷатҳои сершумори дахлу харҷ қайд мегардид, аз тамоми ҳуҷҷатҳо нусха гирифта мешуд (аксар вақт ду нусха бардошта мешуд), зери он имзо гузошта, ба ҳар яки он муҳр мемонданд.

Муассисаҳое низ буданд, ки вазифаи идоракуниро ба ҷо меоварданд. Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки «намуди ҷазоро мувофиқи низомномае муқаррар мекунанд, ки дар маъбад нигоҳ дошта мешавад».[337]

Дар никоҳхате, ки аз Қалъаи Муғ ба даст омад, навишта шудааст, ки он дар «маҳкама» анҷом ёфтааст ва номи «сардори» маҳкама низ зикр шудааст, ки, эҳтимол, шахси рӯҳонӣ буд.[338]

---

[335] Наршахӣ, 1897, с. 15-16. Агар дуруст ҳисоб кунем, шумораи ба салом омадагон аз 18 ҳаз. мегузарад, вале, эҳтимол, ин муболиға бошад.
[336] Лившитс В.А., 1962 б, с. 62-69, 134-135, 164, 176-178.
[337] Бичурин, II, с. 281.
[338] Лившитс В.А., 1962 б, с.24, 26, 38-39.

Синфҳои мазлум бениҳоят қашшоқу бенаво ва аъёну ашроф ба дараҷаи гӯшношунид бой буданд. Мисоли равшани ин даъво сарвати бухорхудотест, ки дар ҳикояи Наршахӣ оварда шудааст. Ин бухорхудот, ки баъди неҳзати Абрӯй ба ватанаш баргаштааст, соҳиби он қадар молу мулк будааст, ки ҳисоби онро касе намедонистааст.

Дар ин бора боз як мисол овардан мумкин: Моҳиён ном суғдӣ аз Дивалтич «се осиёбу анҳори он, бинову сангҳои онро» ба иҷора гирифтааст. Иҷорагир ба ҷойи ҳаққи иҷора соле бояд 460 кафча, яъне зиёда аз 3,5 тонна орд медод.[339]

Мадракоти археологӣ (ки як қисми онҳо дар бобҳои пешина зикр гардиданд) дар бораи тақсимоти амиқи иҷтимоӣ ва молумулкӣ равшан шаҳодат медиҳанд. Мо мебинем, ки дар шаҳр дар паҳлуи кулбаҳои фақиронаи бенавоён иморатҳои бошукӯҳу пурдабдабаи аъёну ашроф ва қасрҳои ҳангомадори ҳокимон сохта мешуданд.

Ҳаёти серупур, сарвати бекарони бойҳо дар ёдгориҳои санъат ҳам инъикос шудааст. Дар расму суратҳо тасвир шудааст, ки аъёну ашроф чӣ гуна кайфу сафо мекунанду дар болои кату кӯрпачаҳои мулоим якпаҳлу ёзида, зиёфат мехӯранд ва агар базм ба дилашон занад, аз ҷой мехезанду ба ҳамдигар дар гӯштину шамшерзанӣ мусобиқа мекунанд. Ва дар ин расму суратҳо дар қафо, ноаёну назарногир хизматгорони сарупобараҳнаи зору ҳақир тасвир карда шудаанд.

Тадқиқи воҳаи Бургутқалъаи Хоразм, ки С.П.Толстов ва ҳамкоронаш Е.Е.Неразик, Б.В.Андрианов[340] анҷом додаанд, барои тавсифи ҳаёти деҳоти он давраҳо материали пурқимати фаровон дод.

Ба туфайли шароити мусоиди маҳаллӣ ёдгориҳои воҳаи Бургутқалъа то ба рӯзҳои мо дар ҳолати хуб омада расидаанд ва зимнан на ёдгориҳои алоҳида хуб боқӣ мондаанд, балки тамоми системаи истиқоматӣ ва иншооти обёрӣ кам вайрон шудаанд. Воҳа ба шакли тасмаи дарози камбар дар ду тарафи канали асосӣ тӯл кашидааст (дарозиаш қариб 40 км, бараш тақрибан 4-5 км).

Дар ҳар 200-300 м якто ҳавлии истеҳкомдор ҷой дорад, ки дар воҳаи Бургутқалъа дар аввалҳои асрҳои миёна намуди асосии манзилгоҳи деҳот ба шумор мерафт. Дар ин гуна ҳавлиҳо хонаҳои мустаҳкаму калони деворҳояшон ғафс сохта мешуд, ки онҳо баъзан гирдогирди ҳавлиро фаро мегирифтанд. Ғайр аз ин қалъаҳои мустаҳкам низ буданд. Тамоми манзилгоҳҳо ба 8-13 гурӯҳ тақсим мешуданд ва зимнан дар ҳар гурӯҳ як қалъае буд, ки ба тамоми дигар манзилҳои гурӯҳи худ ҳукмронӣ мекард. Андозаи ҳавлиҳо ниҳоят гуногун буд ва фақат 1/3 қисми онҳоро калон гуфтан мумкин буд, дигар ҳавлиҳои боқимонда вусъати казоӣ надоштанд. Дар баъзе маҳалҳо муқаррар карда шуд, ки дар ҳар гурӯҳ андозаи майдони кишт ҳар хел мебошад ва ин ҳолат бевосита набошад ҳам, далолат мекунад, ки дар ҷамоати деҳот тақсимоти молумулкӣ (ва иҷтимоӣ) вуҷуд дошт. Ҷолиби диққат аст, ки бисёр қалъаҳо маҳз дар ҳамин давра сохта шудаанд. Дар атрофи Бургутқалъа, ки калонтарин қалъа ҳисоб мешуд, ҳатто шаҳрчае ба вуҷуд омад, ки яке аз марказҳои косибони воҳа буд.

Тамаркузи ҳавлиҳо ба гурӯҳҳои алоҳида, махсусан дар маркази воҳа босуръат ҷараён дошт. Дар асрҳои VII–VIII қалъаҳо ва дар атрофу наздикии

[339] Дар ҳамон ҷо, с. 57, 60.
[340] Толстов С.П., 1948; Неразик Е. Е., 1946; Андрианов Б.В., 1969.

онҳо ҳавлиҳо пайдо шуданд ва марказҳои пештараи воҳа рӯ ба таназзул ниҳоданд.

С.П.Толстов фикре изҳор намуд, ки топографияи воҳаи Бургутқалъа ташаккули муносибатҳои феодалиро инъикос мекунад. Ин ақидаҳоро тадқиқотҳои минбаъдаи археологии Е.Е.Неразик тасдиқ ва аниқ намуданд. Аз афти кор, дар ҳудуди воҳа якчанд ҷамоатҳои калони деҳот вуҷуд дошт, ки 7-8 ҳазор касро дар бар мегирифт.

Дар ҳавлиҳо гурӯҳҳои агнатие зиндагӣ мекарданд, ки шумораи онҳо гуногун буд ва ин гурӯҳҳо оилаҳои калоне мебошанд, ки молумулки умумӣ доштанд ва ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ коллективи ягонаро ташкил медоданд ва ғайр аз ин оилаҳои калон, инчунин оилаҳои хурд ҳам буданд, ки аз афти кор, мақоми намоён надоштанд.

Бинобар баъзе мадракот дар дигар маҳалҳои Осиёи Миёна ҳам вазъият чунин буд. Қалъаҳо, ки қароргоҳи деҳқонон ба ҳисоб мерафтанд, дар сари иншоотҳои обёрӣ сохта мешуданд ва ин кор ба деҳқон имкон медод, ки ба тақсими об соҳибӣ кунад – дар шароити Осиёи Миёна бошад, соҳиби об будан ҳамин маъноро дошт, ки ихтиёри ҳаёту мамоти аҳли деҳот дар дасти касе буд, ки ба тақсими об соҳибӣ мекард.

Дар адабиёти таърихии мо дар солҳои 40-50-ум чунин ақидаи С.П.Толстов маъмул буд, ки дар аввалҳои асрҳои миёна ҳаёти шаҳр таназзул дошт. Вале алҳол ин ақида ба маълумоту мадракоти навтарин тамоман хилоф аст. Ҳатто он маълумоти мунтахабу мухтасаре, ки дар ин китоб оварда шуд, шаҳодат медиҳад, ки шаҳрҳо ва ҳаёт дар онҳо хеле равнақу ривоҷ доштанд. Шаҳрҳо маркази косибию тиҷорат, маркази маданияти баланд буданд (вақти ҳафриёти Панҷакент ин нукта хеле равшан падид омад). Ба деҳоти он давраҳо сохтмони қалъаҳое хос буданд, ки баъзан дар наздикии шаҳрҳо бунёд карда мешуданд. Дар ин қалъаҳо, шаҳристонҳо, аркҳо аъёну ашрофон - бойҳое зиндагӣ мекарданд, ки дар маъхазҳои хаттӣ зикр гардидаанд. Сохти шаҳр ва бисёр будани қалъаҳо, хусусияти санъат ва анъанаҳои «тарзи зиндагии баҳодурона», дар ихтиёри аъёну ашрофи калон мавҷуд будани дастаҳои ҳарбӣ, парокандагии сиёсӣ ва аломатҳои васаллитет далолат менамоянд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии он давраҳо дигаргуниҳои ниҳоят амиқ ба амал меомаданд. Ҷойи форматсияи ғуломдориро дигар форматсия – форматсияи феодалӣ мегирифт.

Дар асрҳои V–VIII бисёр хусусиятҳои феодализм ҳанӯз дар шакли ибтидоӣ, дар шакли хоми номуайян зоҳир мегардиданд, дар бораи аксари он хусусиятҳо дар дасти мо маълумоти бевосита ҳам нест, вале сарфи назар аз ҳамаи ин моҳияти масъала возеҳу равшан аст, яъне дар асрҳои V–VIII ноҳияҳои аҳолиашон муқимии Осиёи Миёна ба роҳи тараққиёти феодалӣ қадам ниҳода буданд.

Дар шароити таърихии он давра пайдоиши ҷамъияти феодалӣ воқеаи муҳимми прогрессивӣ буд. Дар Осиёи Миёна (ҳамчунин дар дигар мамлакатҳо ҳам) пайдо шудани феодализм фақат ба туфайли хеле пеш рафтани қувваҳои истеҳсолкунанда имконпазир гардид, ки тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда дигар ба доираи форматсияи ғуломдорӣ мувофиқат намекард. Форматсияи феодалие, ки дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омад, боиси он гардид, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ бисёр дигаргуниҳои муҳим ба амал пайваст. Аллакай дар давраҳои

аввали феодализми Осиёи Миёна сарчашмаҳои муҳимми пешрафти таърихӣ - шаҳрҳои феодалӣ пайдо шуда, рӯ ба тараққӣ ниҳоданд, гарчанде мақоми деҳот ҳоло ҳам хеле баланд буд.

Ҳамаи ин тараққиёт дар шароити муборизаи шадиди синфӣ ва шӯришҳои мазлумон ба амал меомад (масалан, неҳзати Абрӯйро ба хотир оваред). Ф.Энгелс дар бораи давлат навишта буд: «Мақсади асосии ин ташкилот ҳамеша иборат аз он буд, ки бо ёрии қувваи мусаллаҳ ба аксарияти заҳматкашон зулми иқтисодӣ кардани ақаллияти хеле боимтиёзро таъмин намояд».[341] Ин тавсифи аниқу дақиқ ба Осиёи Миёнаи ибтидои асрҳои миёна ҳам пурра дахл дорад.

[341] К.Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 19, с. 359.

# ФАСЛИ ЧОРУМ

# ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ ТАРАҚҚИЁТ ВА УСТУВОРШАВИИ СОХТИ ФЕОДАЛӢ

# БОБИ ЯКУМ

# ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ҲАЙАТИ ХИЛОФАТИ АРАБ

## 1. АЗ ПО АФТИДАНИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН

### Арабистон дар арафаи ислом

Дар асарҳои таърихшиносӣ аксар вақт ақибмондагии арабҳо дар арафаи пайдоиши ислом таъкид мешавад. Ин ақида яктарафа ва нодуруст аст. Соли 1853 Ф.Энгелс навишта буд: «Дар ҷое, ки арабҳо зиндагии муқимӣ ба сар мебурданд, яъне дар қисмати ҷануби ғарбӣ,– зоҳиран, онҳо мисли мисриён, ошуриён ва ғайраҳо мардуми мутамаддин буданд, ки иншооти меъмории онҳо аз ин шаҳодат медиҳад»[1]. Материалҳои эпиграфӣ ва археологии аз он вақт ин ҷониб дарёфтшуда[2] ҳаққонияти гуфтаҳои Ф.Энгелсро комилан тасдиқ менамоянд: тоифаҳои ҷануби араб воқеан ҳам дар замонҳои қадим давлатҳои муқтадир, маданияти баланд ва ба худ хосе ба вуҷуд оварда будаанд.

Дараҷаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии қисматҳои гуногуни Арабистон ба таври куллӣ фарқ мекард. Агар дар сарзамини Яман ва баъзе дигар вилоятҳои ин кишвар дар нимаи дувуми асри VI ва ибтидои асри VII зироаткорӣ ва зиндагии шаҳрӣ равнақ ёфта бошад, дашту саҳроҳои паҳновари он макони сукунати кӯчманчиёни бадавӣ ба шумор мерафт, ки уштур сарвати асосии онҳоро ташкил мекард. Ҳарчанд ташкилоти тоифавии авлодӣ дар байни арабҳо хеле қавӣ буд, муносибатҳои феодалӣ ба зуҳур омада, дар ҷараёни тараққиёти таърих аз қабилаҳои пароканда ва иттифоқи қабилаҳо давлати ягона таъсис ёфт. Дар оғози асри VII системаи нави динӣ бо номи ислом пайдо гардид.

Барои таҳлили сабаб ва шароити таърихии пайдоиши дини ислом ва бо як суръати фавқулода аз тарафи арабҳо тасарруф шудани кишварҳои зиёде, пеш аз ҳама, таркиби синфии ҷамъияти он замон ва пешравиҳои дар ҳаёти ҳамон ҷамъият ба амал омадаро аз назар гузаронидан зарур аст. Ҳамон амри воқеӣ, ки дини ислом дар давраи таъсиси ҷамъияти синфии арабҳо ба вуҷуд омадааст, ҳеҷ як ҷойи шубҳа надорад. Масъалаи муайян кардани хусусияти ҷамъияти нави синфӣ ва тарзи истеҳсолоте, ки дар арабҳо ва кишварҳои забткардаи онҳо мавқеи бартариро ишғол мекард, ҳамчунин омӯхтани протсесси синтези мураккаби иҷтимоие, ки дар он давра ба амал меомад, басо мушкилтар аст.

---

[1] К Маркс ва Ф.Энгелс. Асарҳо, ҷилди 28, с. 210.

[2] Пигулевская Н.В., 1951, с. 260 ва мобаъд; Лундин А.Г., 1961, 1971; Бауэр Г.М., 1966; Лундин А. Г., 1971; Nielsen D., 1927; Bowen R. le Baron and Albright W. F., 1958; Ruckmans J., 1964.

Ҳалли ин масъалаҳо, хусусан, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки онҳо на фақат яке аз муҳимтарин давраҳои таърихи халқҳои шарқро равшан менамоянд, балки дар навбати аввал ба талаботи ғоявии кадомин синфҳо мувофиқ будани дини исломро низ аён месозанд. Ҳалли масъалаи охирӣ барои таҳлили марксистии ҷиҳати мафкуравии марҳилаҳои аввали ислом бояд замина фароҳам оварад.

Хеле кам будани манбаъҳое, ки доир ба сохти иҷтимоии Арабистони шимолии пеш аз ислом (дини ислом дар ҳамин ҷо ба вуҷуд омадааст) маълумот медиҳанд, хусусан таърихнигории асримиёнагӣ, ки диққати худро фақат ба баёни воқеаҳои сулолавӣ ва «муқаддас» равона сохта, ҳамеша ҳодисаҳои воқеиро бо афсона ва мавзӯъҳои мухталифи фолклорӣ омехта нақл менамояд, аз ҳамон сабабҳое мебошанд, ки ҳалли масъалаҳои дар боло номбаршударо ниҳоятдараҷа мураккаб гардонидаанд. Исломшиносии буржуазӣ далелу мадракаҳои зиёде доир ба он давра ҷамъ намуда, роҷеъ ба сабабҳои пайдоиши ислом бисёр фарзияҳои идеалистӣ ба миён овард, аммо аз ҷиҳати методологӣ дар таҳлили решаҳои иҷтимоии ислом тамоман оҷизу нотавон монд.

Дар илми таърихшиносии советӣ доир ба тавсифи ин ҷамъияти синфӣ ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Бар тибқи нуқтаи назари аввал, дар ҷануби Арабистон ҷамъияти ғуломдорӣ ба ҳар ҳолат дар асри VI вуҷуд дошта, дар охири асри VI ва аввали асри VII дар Арабистони шимолӣ, дар Ҳиҷоз, Макка ва Мадина, ки дар роҳи асосии корвонгард воқеъ гардида буданд, ташаккули тартиботи ғуломдорӣ ба вуқӯъ меояд. Дар Арабистони дарунӣ, ки бадавиҳо, кӯчманчиёни чорводор сукунат доштанд, низ вайроншавии сохти ҷамоати падаршоҳӣ шурӯъ мегардад, вале он хеле суст ба амал меояд. Ба ҳар ҳол дар байни бадавиҳо ҳам, аз як тараф, сарватмандон – соҳибони рамаҳои калон ва баъзан замин, миқдори зиёди асирони ғулом, аксар вақт бо роҳи корвонӣ тиҷораткунанда ва, аз тарафи дигар, камбағалон пайдо мешаванд, ки дар ҳаққи онҳо шоири тоисломии араб аш-Шанфара гуфта буд: «(Марди бенаво) рӯзро дар як паноҳгоҳ ва шабро дар паноҳгоҳи дигар мегузаронад, ҳамеша танҳост ва савора дар дӯши хатар аст».[3] Ин камбағалон ҳар чӣ бошад ҳам, ҳанӯз озод буданд.

Бо вуҷуди ин, дар шимоли Арабистон тартиботи ғуломдорӣ то дараҷаи форматсияи ҳукмрон сабзида нарасид, чунки дар айни буҳрони бавуҷудовардаи давраи гузариш ба ҷамъияти синфӣ ислом пайдо шуд ва Муҳаммад зуҳур намуд. Муҳаммад сарлашкари моҳире буд, дар бораи ғазовот (ҷанги муқаддас) ҳукми ислом қабул гардид, халифаҳои Муҳаммад роҳи халосиро аз буҳрон дар ҷангҳои истилокорона медиданд. Инак, тӯдаҳои араб ҳамчун «сарбозони ислом» ба сарзаминҳое, ки сохти феодалӣ босуръат роҳ меёфт ва ё кайҳо барқарор гардида буд, фурӯ рехтанд. Лекин дар кишварҳои забткардаи арабҳо тартиботи ғуломдорӣ ҳам тамоман барҳам нахӯрда буд, бинобар ин сохти ғуломдорӣ дар арабҳо муддати дуру дароз маҳфуз монд ва ҳатто дар натиҷаи ба даст овардани асирони зиёд дубора қувват гирифт. Умуман, муносибати феодалӣ дар хилофат баъди футуҳоти бузург дар охирҳои асри VII ташаккул ёфт, ғуломдорӣ бошад, ҳамчун тарзи куҳнаи зиндагӣ боз вақти зиёде мавҷудияти худро нигоҳ дошт.

[3] Филштинский И.И., с. 29.

Мувофиқи ин нуқтаи назар, ислом аввал дар заминаи ҷамъияти ташаккулёфтаи ғуломдорӣ ба вуҷуд омад ва танҳо баъди футуҳот ҳамчун дини ҷамъияти феодалӣ қарор гирифт. Ин нуқтаи назарро Е.А.Беляев, инчунин А.Ю.Якубовский, С.П.Толстов, И.П.Петрушевский ба миён овардаанд.

Тибқи нуқтаи назари дувум, ҳанӯз пеш аз пайдоиши ислом, ҳам дар ҷануб ва ҳам дар шимоли Арабистон, на ин ки муносибатҳои ғуломдорӣ, балки феодалӣ ташаккул ёфта, то асри VII, яъне то футуҳоти бузург мавқеи ҳукмронӣ пайдо карда буд. Ба ин тариқа, ислом аз аввалин қадамҳои пайдоиши худ дини табақаҳои болонишини ҷамъияти навбунёди феодалӣ ба шумор мерафт. Ин нуқтаи назарро Н.В.Пигулевская, А.Г.Лундин, Н.А. Смирнов ва Л.И.Нодирадзе пешниҳод кардаанд. Пайравони ин нуқтаи назар диққатро ба чоряккорӣ, ки дар ҳамон шароити таърихӣ аз муҳимтарин зуҳуроти муносибатҳои феодалӣ буд, ҷалб менамоянд.

Ин ду нуқтаи назар нисбат ба вазъияти Арабистони асри VII ва шароити иҷтимоии пайдоиши ислом ҳоло фақат фарзияи ноқис ва шартӣ буда, ҳалли ҳамаҷонибаи ин масъала кори оянда аст.[4]

Вале, ҳеҷ ҷойи шубҳа нест, ки ҷамъияти хилофати охири асри VII дар сурати маҳфуз мондани тартиботи ғуломдорӣ, ба дараҷаи хеле зиёд феодалӣ гардида буд ва истилои Осиёи Миёна, шарқи Хуросон ва Мовароуннаҳр аз тарафи ашрофи ҳарбии феодалӣ, ки унсурҳои тарзи зиндагии бодиянишинро ҳам давом медод, ба амал оварда мешуд. Муносибатҳои хоси ин қабил ҷамъият ба муносибатҳои ҷамъияти феодалишудаи муқимӣ нақши худро мегузошт ва ба ин васила протсесси феодалишавиро тағйир ва суръат медод.

## Пайдоиши ислом.
## Шикасти давлати Сосонӣ

Чанд сухан дар бораи пайдоиши ислом. Муҳаммад Пайғамбари Оллоҳи таоло ва яккаву ягона гардид. Ӯ аслан аз калонтарин маркази Арабистон – шаҳри Макка буд, чун дар зодгоҳи худ ба чизе муваффақ нашуд, дар соли 622 бо пайравонаш ба Мадина кӯчид, ки аз ҳамин сана солшумории мусулмонии ҳиҷрӣ сар мешавад. Тоифаҳои Мадинаро ба итоати худ даровarда, баъд сокинони Маккаро ҳам ба «ҷамоати муътақидин» дохил намуда, як қатор қабилаҳои дигари арабро, ки ба Оллоҳ ва Пайғамбари ӯ – Муҳаммад эътиқод баста буданд, ба таҳти тасарруфи худ даровард. Ислом, ки номи ин дини нав мебошад, маънии «таслим ва итоат»-ро дорад. Пас аз фавти Муҳаммад (соли 632) Абӯбакр (632–634) халифа эълон карда шуд; баъди ӯ Умар (634 - 644) халифа гардид, ки дар замони вай қабилаҳои арабро ба куллӣ тобеъ карда, ҳамаи онҳоро ба мусулмон табдил доданд. Давлати динии аз ҷиҳати марказият қавӣ ба вуҷуд оварда, лашкари сершумор ва хеле ҷангӣ ташкил дода шуд.[5] Аъёну ашрофи араб истилокорӣ, тороҷгарӣ ва ғасб кардани сарватҳои мамолики дуру наздикро орзу мекарданд. Дар ин сурат норозигии табақаҳои

---

[4] Петрушевский И.П., 1966, с. 7

[5] Дар хусуси Муҳаммад, марҳилаҳои аввали ислом ва истилои араб таълифоти зиёде мавҷуданд (ниг.: Беляев Е.А., 1965 ва Петрушевский И.П., 1966, ки ба маъхаз ва адабиёти илмӣ ишора шудааст; Sauvaget J., 1965, p. 116–129 ҳам феҳристи муфиде дорад).

поини ҷамъияти араб ба муқобили мардуми ғайримусулмон, яъне кофирон равона карда, ба ин восита диққати онҳо аз муборизаи синфии зидди истисморгарони «худӣ» дур кашида мешуд. Илова бар ин, сарбозони қатории араб қисмате аз ғаниматҳои ҷангро соҳиб мегардиданд, ки ин онҳоро на камтар аз эътиқоди Оллоҳ рӯҳбаланд намуда, ба сӯйи корзор мекашид. Барои асилзодагони араб ҳукми шаръии ғазавот, дарвоқеъ, пардае буд, ки ба пинҳон доштани асли мақсади ҷангҳои истилогаронаи онҳо хизмат менамуд.

Истилогарон қӯшуни худро қариб дар як вақт, ҳам ба муқобили Рум (Византия) ва ҳам ба муқобили Эрон ҳамлавар сохтанд. Саъю кӯшиши лашкаркашони охирин намояндаи сулолаи сосонӣ – Яздигурди III (632–651), ки пеши ҳаракати қӯшуни арабро гирифтанӣ мешуданд, натиҷае набахшид. Дар муҳорибаҳои назди Қуддусия (Қадисия) ва Наҳованд (солҳои 636 ва 642) қӯшуни араб қувваи якҷояи форсҳоро торумор намуда, ба мавҷудияти тақрибан панҷасраи давлати сосонӣ хотима дод. Дар зарфи 10 сол арабҳо хоки Эронро истило намуда, ба Рум зарбаҳои сахт заданд. Фаластин, Миср, Сурия ва Ироқро ишғол карданд.

Яздигурди III муддати 10 сол таҳти фишори арабҳо аз як маҳал ба маҳалли дигар ақиб нишаста, бо нияти бар зидди истилогарон хезондани аҳолӣ дар шаҳру кишварҳои гуногун сарсону саргардон гашт. Вале ин кӯшишҳои ӯ ягон натиҷае набахшиданд.

Оммаи асосии аҳолии давлати сосонӣ барзгарону ҳунармандон – аз тарафи амалдорони сосонӣ, феодалон ва рӯҳониёни зардуштӣ зулму ситам дида, илова бар ин, дар натиҷаи маҳдудиятҳои табақотӣ азият мекашиданд. Ҷангҳои дурударози Сосониён бо ҳайтолиҳо, туркҳо ва румиҳо аҳволи бе ин ҳам вазнини меҳнаткашонро табоҳ гардонида буданд. Ҳамаи ин боиси норозигии оммаи халқ гардид ва онҳо дар мубориза бар зидди арабҳо тарафи Сосониёнро нагирифтанд.

Ҷангҳои пай дар пай давлати сосониро аз иқтидори пешинаи сиёсӣ ва ҳарбии худ маҳрум ва заиф гардонида буданд. Ба сабаби баланд шудани мавқеи ашрофи маҳаллии феодалӣ роли ҳукумати марказӣ якбора хеле паст гардида, атроф аз тобеияти марказ баромадан гирифт. Ҳокимони маҳаллии вилоят ва музофотҳои ҷудогона дар вақти ҳуҷуми арабҳо ба ҳукумати марказӣ мададгорӣ накарданд.

Мавридҳое мешуданд, ки оммаи аҳолии мазлум барои сабуктар гардидани аҳволи тоқатфарсои худ ба арабҳо ва дини онҳо, ки баробарии ҳамаи мусулмононро ваъда медоданд, умед мебаст. Ҳаёт ба зудӣ бар абас будани ин умеди халқро нишон дода бошад ҳам, ба ҳар ҳол дар вақтҳои аввал бе таъсир намонд ва он саҳван ҳамчун эҳёи анъанаҳои неҳзати маздакия тасаввур карда шуд.

Ин буд, ки Сосониён сели хурӯшони арабҳоро боздошта натавонистанд ва давлати сосонӣ аз по афтод.[6]

---

[6] Барои тафсилоти вазъияти Эрони арафаи истилои араб ва ҷараёни ин истило ниг : Пигулевская Н.В. ва дигарон, 1958, с. 69-89; Колесников, 1970.

# 3. АЗ ТАРАФИ АРАБҲО ЗАБТ КАРДА ШУДАНИ МОВАРОУННАҲР (ДАВРАИ АВВАЛ)

## Парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр дар миёнаҳои асри VII

Арабҳо аз ҳамон рӯзе, ки ба Эронзамин қадам гузоштанд, ғасб кардани вилоятҳои дар ин сӯйи Омударё воқеъгардидаи Осиёи Миёна, яъне Мовароуннаҳрро мақсади асосии худ қарор доданд. Чи навъе ки дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (асри X) ва «Мӯъҷам-ул-булдон» ном асари ҷуғрофидони араб – Ёқут (асри XIII) дида мешавад, арабҳо аз номи асосгузори дини ислом Муҳаммад ҳадисҳо оварда, пешниҳод мекарданд, ки забт намудани Мовароуннаҳр вазифаи муқаддас ва бошарафи пайравони дини ислом аст.

Дар ин вақт Мовароуннаҳр ҳамон ҳолати парешонии сиёсиро, ки ҳанӯз дар асрҳои IV–V сар зада, дар авохири ҳукмронии ҳайтолиҳо ва хоқонии турк боз ҳам бештар қувват гирифта буд, аз сар мегузаронид. То чӣ андоза будани ин парокандагиро аз ин ҷо ҳам фаҳмидан мумкин аст, ки дар лаҳзаи ба хоки кунунии Тоҷикистон дохил шудани арабҳо дар ин сарзамин миқдори зиёди мулкҳои мустақил ва ниммустақил вуҷуд доштанд.

Дар Фарғона мулкҳои шимолӣ ва ҷанубии ин сарзамин, дар ноҳияи Ӯротеппа – Уструшан (Истаравшан) бо пойтахти худ – Бунҷикат (дар қарибии Шаҳристони ҳозира) воқеъ буданд. Саргаҳи Зарафшон бо воҳа ва доманаҳои қаторкӯҳи Туркистон ва Зарафшон ба ҳайати мулки Буттом дохил мешуд. Дар шимоли он мулкҳои Масчоҳ ва Парғар (Фалғари имрӯза), дар қисмати ғарбӣ шаҳри Панҷ – Панҷакенти ҳозира воқеъ гардида буданд.

Дар ноҳияи Ҳисор мулки Чағониён сар то сари водии дарёи Сурхон (Чағонрӯд) ва қисмати ғарбии водии Ҳисорро бо шаҳри бузурги худ – Чағониён (наздикии Деҳнав) дар бар мегирифт; дар шарқтари Чағониён–Аҳорун ва Шумон; дар байни дарёи Кофарниҳон ва Вахш – Вашгирд бо пойтахти худ Вашгирд (Файзобод); дар саргаҳи Кофарниҳон (дарёи Ромит) ва Вахш мулки Кумед арзи вуҷуд мекард.

Дар ноҳияи Қӯрғонтеппа тамоми паҳнои водиро мулки Вахш фаро мегирифт ва мулки Қубодиён бо шаҳри асосии худ – Қубодиён дар ҷараёнгоҳи поини дарёҳои Вахш ва Кофарниҳон воқеъ буд

Дар ноҳияи Кӯлоб – Хатлон (Хаталон – байни Панҷ ва Вахш бо пойтахти худ – Ҳулбук ва шаҳри Мунк (Балҷувон) арзи вуҷуд мекард. Ба Хатлон дар вақтҳои гуногун дигар мулкҳо, аз қабили Вашгирд, Қубодиён ва ғ. низ дохил мешудаанд.

Дар ноҳияи Ғарм мулки Рашт бо пойтахти худ шаҳри Рашт (Ғарм) ва мулки Дарвоз бо пойтахти худ – Куррон воқеъ шуда буд.

Дар вилояти кӯҳистони Бадахшон мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон, ки бо Бадахшон алоқаи зич доштанд, мавҷуд буданд.

Ҳокими ҳар як мулк худашро мустақил ҳисоб мекард ва унвони махсус дошт. Набудани иттиҳод ва ягонагӣ дар байни ҳокимони Мовароуннаҳр кори муттаҳид намудани халқҳои Осиёи Миёнаро барои зарба задан ба истилокорони араб хеле душвор мекард.

## Ба сарҳади Осиёи Миёна расидани лашкари араб.
## Ҳамлаҳои нахустин ба Мовароуннаҳр

Мувофиқи ривоятҳои араб, лашкари ислом пас аз муҳорибаи назди Наҳованд (с.642) қўшуни шикастхўрдаи сосониро таъқибкунон, гўё то фавти халифа Умар, яъне то соли 644 бо туркони Тахористон алоқа пайдо кардаанд.[7] Аммо дар ҳақиқати ҳол истилои Осиёи Миёна даҳ сол баъдтар шурўъ гардид. Соли 651 охирин подшоҳи сосонӣ – Яздигурди III аз таъқиби дастаҳои араб гурехта, ба Марв расид. Хост дар ин ҷо паноҳгоҳе пайдо кунад, вале бо хиёнати дастнишондаи худ – волии Марв кушта шуд (бар тибқи яке аз ривоятҳо қотил осиёбонест, ки подшоҳи гуреза ба хонаи ў паноҳ бурданӣ шудааст). Дар ҳамон сол арабҳо Марвро ишғол намуданд.

Пас аз се соли ин воқеа арабҳо нахустин ҳамлаҳои худро ба Мовароуннаҳр сар карданд, аз ҷумла, дар манбаъҳо ҳуҷуми соли 654 ба Маймурғ, воқеъ дар Суғд хотирнишон шудааст. Дар соли 667 онҳо аввалин дафъа ба Чағониён ҳамла оварда, ба ҳайтолиҳо зарбаи сахт доданд. Арабҳо ба амалиёти ҳарбӣ дар миқёси васеъ ошкоро тайёрӣ медиданд. Яке аз чунин тадбироти тайёрии ҳарбию сиёсӣ аз Басра ва Куфа ба Хуросон кўчонидани 50 ҳазор хонаводаи араб буд. Барои арабҳои муҳоҷир ба тариқи гарнизон дар панҷ нуқта иқоматгоҳҳо ба вуҷуд оварда шуданд.

Ба ақидаи Гибб, ки мегўяд, ин тадбирҳо бо ду мақсад: қувват додани амнияти вилоятҳои зеридаст ва ҷамъ кардани қувва барои истилои минбаъда ба амал оварда мешуданд, розӣ шудан мумкин аст.[8]

Наршахӣ мегўяд, ки истилокорони араб борҳо аз дарёи Аму гузашта, ба Мовароуннаҳр ҳуҷум оварданд. Маликаи Бухоро ҳар бор ба ивази хироҷ ва дигар пешкашҳо сулҳ карда, мамлакати худро нигоҳ медошт.

Дар охири соли 673 ва аввали соли 674 қоиммақоми арабҳо дар Хуросон Убайдуллоҳ ибни Зиёд ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, Рометан ва атрофи Бухороро ба даст даровардa, тороҷ ва хароб намуд, вале ба муқобилати сахти қувваҳои якҷояи туркҳо ва бухороиҳо дучор омада, ба сулҳ бастан маҷбур гардид. Вай аз маликаи Бухоро пулу чизи бисёр гирифта ва 4 ҳазор камонкашони моҳирро аз аҳолии маҳаллӣ ба ғуломӣ бурда (ва аз онҳо гвардияи шахсӣ ташкил карда), муваққатан ҳудуди Мовароуннаҳрро тарк намуд.[9]

Дар соли 676 қоиммақоми нави Хуросон – Саид ибни Усмон бо қувваи зиёде аз дарёи Аму гузашта, ба сўйи Бухоро ҳаракат кард. Маликаи Бухоро, мисли ҳарвақта, ба ивази додани сесад ҳазор дирҳам ва ба гарав гузоштани як гурўҳ ҷавонони ашрофзодаи Бухоро бо арабҳо созиш намуд. Он гоҳ Саид ба тарафи Самарқанд рў овард. Суғдиён бо тамоми шуҷоат ва мардонагӣ муқовимат нишон доданд. Ҷанг бештар аз як моҳ давом намуд. Ниҳоят Саид

---

[7] Gibb H.A.R., 1923, p. 15

[8] Gibb H.A.R., 1923, p. 17

[9] Ривоятҳои маҳаллӣ доир ба ин воқеаҳо дар осори Балозурӣ, Яъқубӣ ва Наршахӣ оварда шудаанд. Табарӣ ин воқеаҳоро ба тарзи дигар нақл мекунад. Барои таҳлили нусхаҳои гуногун муроҷиат шавад: Gibb H.A.R., 1923, p. 17, 18

чораи дигар наёфта, сулҳ кард ва бо асирону ғанимати андак баргашт. Дар роҳ ӯ Тирмизро ба тасарруфи худ даровард.

Наршахӣ ва Балозурӣ дар хусуси рафтори ҷасуронаи ҷавонони гаравии бухорӣ, ки Саид ба ғуломони худ табдил дода буд, ҳикоят мекунанд. «Эшон (ҷавонони гаравӣ.– Б.Ғ.) бағоят тангдил шуданд ва гуфтанд: «Ин мардро (Саидро.– Б. Ғ.) чӣ хорӣ монд, ки бо мо накард ва моро ба бандагӣ гирифт ва кори сахт мефармояд. Чун дар истихфоф хоҳем ҳалок шудан, боре ба фоида ҳалок шавем. Ба сарои Саид андаромаданд ва дарҳо барбастанд ва Саидро бикуштанд ва хештанро низ ба куштан доданд».[10]

Табарӣ воқеаи аҷиберо нақл мекунад, ки дар бобати бо арабҳо чӣ гуна муносибат кардани аҳолии вилоятҳои кӯҳистонии Мовароуннаҳр хеле ҷолиби диққат аст. Ба ҳузури қоиммақоми араб, ки дар Кеш хайма зада буд, бародарзодаи малики Хатлон меояд. Ӯ ба халқи худ хиёнат кардааст ва арабҳоро ташвиқ мекунад, ки ба Хатлон лашкар кашанд. Қоиммақом розӣ шуда, писари худ Язид ибни Муҳаллабро мефиристад.

«Ӯ дар ҳудуди Хатлон,– менависад Табарӣ,– ба таври ҷудогона лашкаргоҳ бисохт ва бародарзодаи малик – он малик Сабол ном дошт – ӯрдуи дигар ба худ зад ва Сабол шабонгаҳ ҳамла ба ӯрдугоҳи бародарзодааш овард. Чун аскарони малик бо лафзи араб садо медоданд, бародарзодаи ӯ гумон бурд, ки арабҳо хиёнат карданд, аммо арабҳо, вақте ки ӯ қароргоҳи онҳоро тарк намуд, дар ҳарос буданд, ки ӯ хиёнат хоҳад кард. Сабол бародарзодаи худро дастгир намуд ва ба ҳисори худ бурда, ба куштан дод. Гӯянд, ки Язид ибни Муҳаллаб қалъаи Саболро ба муҳосира гирифт ва ба ӯ сулҳ кард. Шарти мувофиқат ин буд, ки Сабол мебоист товони ҷанг медод. Язид ин товон бигирифт ва ба ҳузури падари худ Муҳаллаб бозомад. Баъд аз мақтул гардидани бародарзодаи малик модари вай ба назди модари Сабол расуле фиристод ва бигуфт: «Ту чӣ сон умед дорӣ, ки Сабол пас аз куштани бародарзодаи худ зинда хоҳад монд. Охир мақтул ҳафт бародар дорад ва онҳо акнун дар талаби хун ҳастанд. Ту бошӣ модари фарзанди ягонаӣ. Модари Сабол чунин ҷавоб бидод: «Шер кам бачча дорад, хук бисёр».[11]

Баъд аз тохтутози Саид ибни Усмон қӯшуни арабҳо муддати панҷ сол ба Мовароуннаҳр ҳуҷум накарданд. Арабҳо бори севум дар вақти ҳокими Хуросон шудани Салм ибни Зиёд, ки ба давраи хилофати Язид ибни Муовия (680–683) иттифоқ афтода буд, ба Мовароуннаҳр ҳамла оварданд.

Ба қавли Балозурӣ, лашкари араб то Хуҷанд расида, вале дар он ҷо ба зарбаи сахт дучор гардид.[12] Самарқандиҳо ва бухороиҳо аз арабҳо шикаст хӯрда, маҷбур шуданд, ки ба ивази пулу чизи зиёде худро аз асорати истилокорон халос намоянд.

Соли 689 писари яке аз ҳокимони исёнкори Хуросон – Мӯсо ибни Абдуллоҳ Тирмизро ишғол намуда, тақрибан понздаҳ сол ҳокими ин қалъаи пуристеҳком гардид. Ӯ ҳокимияти касеро эътироф намекард, ба мулкҳои ҳамсоя ҳамла оварда, онҳоро ғорат месохт. Танҳо дар соли 704 ба қӯшуни ҳукумати марказии араб муяссар гардид, ки бо кумаки сарбозони суғд ва турк

---

[10] Наршахӣ, с. 49.
[11] Табарӣ II, с. 1040–1041.
[12] Балозӯрӣ, 413.

ин балворо аз байн бардоранд.[13] Ҳақ ба ҷониби А.Ҷалилов аст, ки мегӯяд: «... Аҳамияти ин ғалаба бар Мӯсо ду ҷанба дошт. Аз як тараф, он чи ки мулкдорони маҳаллӣ ҳамроҳи қӯшуни хилофати Араб ҳокимияти Мӯсоро барҳам заданд, кори мусбат буд. Аммо, аз тарафи дигар, онҳо бо ин амали худ ба ҳукумати марказии араб барои халос шудан аз балвогаре, ки як андоза дар роҳи ба Осиёи Миёна сар даровардани онҳо монеае буд, кумак расониданд».[14]

Ҳамин тариқа, то замони қоиммақоми Хуросон таъйин гардидани Қутайба ибни Муслим (с. 705) он ҳама ҷангҳое, ки арабҳо дар Мовароуннаҳр кардаанд, хусусияти тасодуфӣ ва ноҷур дошта, фақат барои мақсадҳои ғоратгаронаи сардорони ҷудогонаи араб хизмат мекарданд. Қӯшунҳои араб вилоятҳои дар натиҷаи тохтутозҳои шадид ишғолнамудаи худро тороҷ карда ва ба харобазор табдил дода, ба Марв бозмегаштанд.

## Муборизаи суғдиён, тахористониҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бар зидди истилогарон

Аъёну ашрофи араб фақат пас аз он ки дар замони хилофати Абдулмалик ибни Марвон (685–705) низоъҳои дохилии хилофатталабӣ барҳам хӯрда, шӯришҳои мардуми кишварҳои тобеъ фурӯ нишонда шуданд, ба истилои Мовароуннаҳр ба таври қатъӣ камар бастанд.[15] Тақрибан дар соли 705 ҳокими Хуросон – Қутайба ибни Муслим ба амалиёти ҷангие, ки ниҳоят ба забт гардидани Мовароуннаҳр оварда расонд, иқдом намуд. Ӯ аз парокандагии мамлакат ва ихтилофи дохилии ашрофи деҳқони маҳаллӣ истифода бурда, тавонист қадам ба қадам мавқеи хилофатро дар Осиёи Миёна мустаҳкам намояд. Қутайба дар соли 705 бо қувваи зиёде ба тарафи Балх ҳаракат намуда, он маҳалҳоеро, ки аз арабҳо рӯ гардонида буданд, ба худ итоат кунонид.

Ғайр аз Балх вилояти Чағониён (ки дар ин вақт ҳокими он Тиш ба тарафи арабҳо гузашта, онҳоро барои ҳуҷум ба мулкҳои ҳамсоя ташвиқ мекард), Шумон ва ғ. ба итоати ӯ даромаданд. Дар соли 706 ӯ ба хоки Мовароуннаҳр қадам ниҳод. Чунонки Табарӣ менависад, Қутайба аз дарёи Аму гузашта, ба Пайканд равон шуд. Дар дохили қӯшуни ӯ деҳқонони Балх ва Чағонхудоти хоин ҳам буданд, ки аз роҳи тамаъ истилогаронро тарафдорӣ мекарданд.

Пайканд дар он замон аз ободтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба шумор мерафт. Вайро шаҳри бозургонон («мадинату-т-туҷҷор) меномиданд ва аз-баски қалъаи мустаҳкаме дошт, «шористони рӯин» низ мегуфтанд. Қӯшуни Қутайба аввалин дафъа дар ҳамин ҷо ба муқовимати сахти аҳолӣ дучор гардид. Дар мудофиаи шаҳр на фақат сокинони Пайканд, балки суғдиёни дигар ҳам, ки пайкандиҳо барои кумак ба онҳо муроҷиат карда буданд, ширкат доштанд. Аввалҳо дасти онҳо боло шуда, арабҳо ба вазъияти сахте афтоданд. Суғдиҳо муддати дурудароз қӯшуни арабро ба муҳосира гирифта, роҳҳои алоқаи онҳоро буриданд. Вале маҳз ноиттифоқии байни ҳокимони маҳаллӣ арабҳоро аз ин вазъият раҳо дод. Баъзе аз ҳокимон оҳиста-оҳиста дастаҳои худро ба канор кашиданд. Сафи мудофиачиёни Пайканд торафт кам

---

[13] Бартолд В. В., 1963, с. 242.
[14] Ҷалилов А., 1961, с. 118.
[15] Шарҳи мухтасари ин воқеаҳо: Беляев Е. А., 1965, с. 180 ва мобаъд.

шудан гирифт. Қутайба аз ин ҳолат истифода бурда, шаҳрро гирифт, ғорат кард ва пас ба Бухоро рӯ овард. Муҳосираи Пайканд, ба як ривоят, 50 рӯз ва, ба ривояти дигар, 10 моҳ давом кардааст.

Ҳанӯз Қутайба 5 фарсах (яъне тақрибан 30 км) ҳам дуртар нарафта, аҳли Пайканд шӯриш карданд ва арабҳои дар он ҷо истодаро ба қатл расониданд. Қутайба Пайкандро дубора ишғол карда, онро тамоман ба харобазор мубаддал гардонд, ҳамаи мардонро кушта, занону кӯдаконро ба ғуломӣ дод. Арабҳо дар ин ҷо ҳамон қадар сарват ба даст даров873данд, ки то ин вақт дар ҳеч ҷо ин андоза ғанимат насиби онҳо нагардида буд.

Аз эҳтимол дур нест, ки муҳимтарин қисмати ин ғаниматро анбори бузурги пур аз аслиҳаву лавозимоти ҷангӣ ташкил мекард. Сифати ин ҳама маснуот ба дараҷае олӣ буд, ки то ҳол дар назми араб калимаи «суғдӣ» ҳамчун ташбеҳи ҳунармандии беҳамто истифода мешавад. Аз рӯйи баъзе маълумот, то забти Пайканд қӯшуни Қутайба ҳамагӣ 350 адад либосу аслиҳаи ҷангӣ дошт. Бинобар ин, Қутайба аз ғанимати тақсимшаванда берун гузоштани лавозимоти ҷангиро исрор карда, пас тамоми сарбозони худро силоҳи нав дод ва иқтидори ҷангии қӯшуни арабро хеле афзунтар гардонид.[16]

Фоҷеаи Пайканд ба аҳолии Мовароуннаҳр нишон дод, ки онҳо бо чӣ гуна душмани бераҳм сарукор доранд. Ҳокимони ҷудогонаи Суғд туркҳоро ба кумак даъват намуда, дар атрофи Рометан (дар наздикии Бухоро) қувваҳои муттаҳидаи зиёде ҷамъ карданд, то ки ба арабҳо зарба расонанд. Ҷанги шадиде ба амал омад. Қӯшуни арабҳо ба муҳосира афтод. Дар ин ҷо Қутайба роҳи фиребро пеш гирифт. Ӯ ба тарзи махфӣ кас фиристода, подшоҳи Суғдро аз туркон ва турконро аз подшоҳи Суғд бадгумон карда, дар байни онҳо нифоқ андохт. Дар ҳамин вақт ба Қутайба қувваи иловагӣ расид ва ба ин восита ӯ аз муҳосира берун омад. Вале азбаски лашкари араб талафоти зиёде дода буд, ӯ дигар ҷангро давом дода натавониста, маҷбур шуд аз нақшаи забт кардани Мовароуннаҳр муваққатан даст кашида, ба Марв баргардад.

Дар соли 708 Қутайба бо қувваи нав боз ба тарафи Мовароуннаҳр ҳаракат кард. Бо вуҷуди муқовимати шадиди аҳолии Суғд ба ӯ муяссар гардид, ки худро ба мулки Бухоро расонида, Рометанро ишғол намояд. Лекин ҷангҳои сахте, ки барои гирифтани Бухоро кард, натиҷае набахшид. Қутайба талафоти зиёде дода, дар тирамоҳи ҳамон сол маҷбур шуд ба Хуросон ақиб нишинад. Ҳокими Ироқ Ҳаҷҷоҷ, ки Қутайба ҳамчун қоиммақоми Хуросон ба вай итоат мекард, аз шунидани ин хабар дар ғазаб шуда, ба Қутайба фармуд дубора ба ҷанги бухорхудот равад ва ба ҳар қимат, ки бошад, ӯро шикаст диҳад.

Инак, дар соли 709 Қутайба бо қӯшуни пуршумор аз дарёи Аму гузашта, худро ба ҳаволии Бухоро расонид. Аҳолии Бухоро, мисли собиқ туркҳо суғдиёнро ба ёрдами худ даъват намуданд. Ҷанги хунине рӯй дод.

Қутайба эълон кард, ки ҳар кас, агар сари душманеро биёрад, сад дирҳам ба тариқи ҷоиза хоҳад гирифт. Дар қароргоҳи арабҳо аз сари ҷангварони Мовароуннаҳр манораи бузурге ба вуҷуд омад. Аммо ин ҳам муқовимати дифоъкунандагони Бухороро дарҳам шикаста натавонист. Онҳо ба арабҳо зарбаҳои ҳалокатовар мезаданд. Он гоҳ Қутайба аз мағлубият тарсида, боз ҳамон усули пештараи худ – макру хиёнатро ба кор бурд. Чи навъе ки Наршахӣ

[16] Gibb H.A.R., 1923, p. 33, 34

нақл мекунад, ӯ ба назди подшоҳи Суғд – Тархун ҷосуси худро фиристод. Ҷосус Тархунро огоҳ кард, ки арабҳо пас аз чанде ин ҷоҳоро тарк мекунанд, туркон ин фурсатро ғанимат дониста, барои ишғол кардани Суғд, ки мулки пурсарвату зебост, нияти бар зидди Тархун лашкар кашидан доранд. Подшоҳи Суғд, ки аз ин гапҳои дурӯғ сахт ба тарсу ҳарос афтода буд, маслиҳат пурсид. Ба ӯ чунин маслиҳати пур аз макру ҳиял доданд: бояд бо Қутайба сулҳ кард ва ба туркон хабар расонд, ки ба ёрии арабҳо қувваҳои сершумори иловагӣ омада истодаанд, он гоҳ туркон пас хоҳанд гашт.

Тархун ин маслиҳатро қабул кард. Иттифоқи зидди арабҳо барҳам хӯрд ва қӯшуни араб Бухороро ишғол намуд. Қутайба бо мақсади устувор намудани мавқеи худ бо ихшиди Суғд Тархун қарордод баст ва чанд нафарро аз ақрабои подшоҳ ба гарав гирифт ва барои ҳар сол ҷизя муқаррар намуд.

Ҳокимони баъзе вилоятҳои Тахористон, аз ҷумла ҳокими Шумон аз андармонӣ ва нобарориҳои арабҳо дар воҳаи Бухоро истифода бурда, аз итоати Қутайба сар кашидани худро эълон карданд.

Дар соли 710 Қутайба қувваҳои тоза ҷамъ намуда, ба Шумон лашкар кашид. Аҳолии Шумон талабҳои таҳдидомези арабҳоро рад карда, ба муқобили қувваҳои бартаридоштаи онҳо ҷасурона ва мардонавор ҷангиданд. Дар яке аз муҳорибаҳои шадид подшоҳи Шумон кушта шуд. Қутайба шаҳрро тамоман ғорат карда, ба тарафи Насаф (дар наздикии Қаршии имрӯза) ва Кеш (Шаҳрисабзи кунунӣ) равон шуд ва он ҷоҳоро ба тобеияти худ даровард.

## Мудофиаи Самарқанд

Чунонки дар боло оварда шуд, ҳукмрони Самарқанд подшоҳи Суғд – Тархун бо арабҳо сулҳ кард. Ӯ дар айни вақт уҳдадор шуд, ки ба онҳо хироҷ медиҳад. Пас аз як сол Қутайба бародараш Абдурраҳмонро барои гирифтани хироҷ ба Самарқанд фиристод. Тархун ба додани хироҷ маҷбур гардид. Ин боиси норизоятии ашрофи Самарқанд (ва, бешубҳа, оммаи меҳнаткаши Суғд, гардид. Тархун бо дасти муқаррабони худ аз тахти салтанат фуроварда шуд ва ӯ дар ҳолати навмедӣ ва шиддати алам худро нобуд сохт.[17]

Дар соли 710 ба тахти подшоҳии Суғд Ғурак нишаст. Ин мард, аз рӯйи баҳои донишманди воқеаҳои давраи истилои араб Ҳ.А.Р. Гибб, «ватанпараст ва раҷули давлат буд».[18]

Дар ин вақт ҷараёни ҳодисот ба қарори зайл сурат мегирифт. Дар Хоразм тахти роҳнамоии Хурзод ном бародари Хоразмшоҳ неҳзати халқӣ сар зад. Қутайба аз ин мубориза и дохилии давлати Хоразм истифода намуда, бо баҳонаи кумак расондан ба Хоразмшоҳ бо қӯшуни худ ба он ҷо ҳаракат кард. Дар солҳои 710–712 Хоразмшоҳ бо Қутайба муоҳидаи сулҳ баста, ба ивази он ки шӯришиёнро ба хун оғушта намуд, ба тариқи подош 10 ҳазор сар чорво дод. Ин амалан маънии ба арабҳо сари итоат фуруд овардани хоразмшоҳро дошт.

Қутайба ба осонӣ таслим нашудани суғдиёни ҷангҷӯро дар назар гирифта, барои дар ғафлат гузоштани онҳо овозае паҳн кард, ки гӯё бо ғаниматҳои аз

---

[17] Табарӣ, II, 1229; Ибн ал-Асир, IV, 437–438.
[18] Gibb H.A.R., 1923, p. 42.

ғорат бадастовардаи худ ба Марв хоҳад рафт, лекин дар амал бо лашкари Хоразмшоҳ ва бухорхудот ба Самарқанд ҳуҷум овард.

Ҷиҳати хоси вазъияти онвақтаи муборизаи зидди истилогарон на фақат набудани фронти ягона ба муқобили арабҳо, балки бадтар аз ин, хиёнати ҳокимони Бухоро ва Хоразм мебошад. Дастаҳои сарбозони хоразмӣ ва бухороӣ дар тарафи арабҳо қарор гирифта, дар сурате, ки самарқандиҳо яккаву танҳо бо азобу машаққат ватани худро мудофиа мекарданд, ҳамроҳи қӯшуни душман бар зидди Самарқанд бо тамоми қувват ҷангиданд. Бар зимми ин, дар дохили Суғди Самарқанд ҳам якдилӣ ва ҳамфикрӣ набуд. Пас аз марги Тархун дар Суғд гурӯҳи неруманди ашрофи арабпараст боқӣ монда буд. Аз эҳтимол дур нест, ки яке аз намояндагони ин гурӯҳ ҳокими Панҷакент – Дивоштак бошад. Баъди худкушӣ кардани Тархун вай сарпарастии писари хурдсоли ӯро ба зимма гирифта, унвони «подшоҳи Суғд, ҳукмрони Самарқанд»-ро соҳиб шуд (ин унвон аз ҳуҷҷатҳои суғдии Кӯҳи Муғ маълум гардидааст).

И.Ю.Крачковский тахмин мекард, ки «албатта, мумкин аст, масъала аз ин ҳам амиқтар бошад, дар байни арабҳо ва арабпарастҳо майли дар муқобили Ғурак ба сифати давомдиҳандагони «қонунии» силсилаи подшоҳони Суғд гузоштани писарони Тархун пайдо шуда буд».[19] Инро дар ҳаққи Дивоштак ҳам метавон гуфт, ҳарчанд ки яқинан ӯ унвони «подшоҳи Суғд, ҳукмрони Самарқанд»-ро хеле дертар, соли 719 гирифтааст. Қутайба риёкорона ва маккорона эълон кард, ки вай омадааст, то барои марги Тархун қасос бигирад.[20] Ба ин восита ӯ тарафдорони подшоҳи сарнагуншудаи Суғдро ба ҳаракат овард ва имкон дод, ки онҳо бо унсурони арабпараст муттаҳид шаванд. Роли муҳимро дар қароргоҳи тарафдорони арабҳо Дивоштак бозид. Ҳамаи инҳо вазъияти Ғурак ва аҳволи мудофиакунандагони Самарқандро мураккабтар месохт.

Таҳлили муфассали манбаъҳои хаттии оид ба ҷараёни истилои Самарқанд ба қалами В.В. Бартолд тааллуқ дорад.

Манбаи асосӣ – Табарӣ се ривоят ва ҳикояти ҷомее дорад, ки аз рӯйи чанд сарчашма навишта шудааст.[21] Дар муҳорибаҳои шадид, ки ба арабҳо зарбаи ҳалокатовар зада шуд, мудофиакунандагони шаҳр қаҳрамонии беназир нишон доданд. Подшоҳ Ғурак дар яке аз мактубҳои худ навиштааст: «Бисёр сарбозони мо кушта ва маҷрӯҳ гардиданд, аскарони пиёда ва савораи дошҳо (арабҳо– Б.Ғ.) ниҳоят сершумор буданд ва мо ба онҳо муқобилат карда наметавонистем. Ман дар паноҳи деворҳои қалъа ақиб нишастам, то ки он ҷо камин бигирам».[22]

Аҳли Суғд аз муҳосираи арабҳо ба ҷон омада, аз подшоҳи Чоч, хоқони турк ва ихшиди Фарғона кумак хостанд ва навиштанд, ки «агар арабҳо бар Суғд ғалаба кунанд, навбати шумо хоҳад расид». Он се ҳукмрон қарор доданд, ки ба Суғд мадад расонанд ва дастаи ҷанговарони савораеро аз «шаҳзодагон ва шуҷоатмандтарин сарбозони ҷавони подшоҳӣ» ба он ҷо фиристоданд.

[19] В.А. ва И.Ю. Крачковскийҳо, 1934, с. 70
[20] Табарӣ, II, 1249.
[21] Бартолд В. В., 1964, с. 382-384.
[22] Chavannes E., 1903, p. 205.

Сардори ин даста писари хоқон буд.[23] Азбаски аскарони турк дар ин вақт ба наздикиҳои Суғд қарор гирифта буданд, ба муборизаи зидди араб метавонистанд фавран ёрӣ кунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб дар сари қувваи имдодӣ писари хурдии хоқони турк – Иналхоқон, ки вазифаи сарфармондеҳи қӯшуни ғарбии туркро адо мекард, гузошта шуд.[24] Ҳанӯз қувваи имдодӣ дар роҳ буд, ки Қутайба аз воқеа хабардор шуда, ба муқобили он қӯшуни баргузидае бо сардории бародари худ равона кард.

Арабҳо ногаҳон шабохун зада, дастаи иттифоқчиёни суғдиёнро торумор карданд. Онҳо ашрофзода будани сарбозони ин дастаро фаҳмида, сари кушташудагонро аз тан ҷудо карданд ва номашонро ба гӯшашон навишта, сарҳоро ба камарбанди худ овехта, ба қароргоҳашон баргаштанд. Яке аз арабҳои иштирокчии ин воқеа нақл мекунад: «Аз мо касе набуд, ки дар камарбанди худ сари душмани номдорро надошта бошад... ва мо силоҳи олӣ, матоъҳои гаронбаҳо, камарбандҳои заррин, аспҳои бодпоро ғанимат гирифтем ва Қутайба ҳамаи инҳоро ба худи мо инъом кард. Бо ҳамин суғдиҳо ба шикаст рӯ оварданд. Қутайба ба тарафи онҳо манҷаниқ рост карда, ба тирпарронӣ шурӯъ намуд, вай ҳамеша бо онҳо задухӯрд мекард. Сарбозони бухорой ва хоразмии тарафдори ӯ, ки (ба муқобили суғдиҳо.– Б.Ғ.) беамон меҷангиданд, барояшон намунаи ибрат буданд». Ҳамон вақт буд, ки Ғурак суханони оташборе гуфта, Қутайба ва ҳамроҳонашро ба шӯру ғазаб овард: «Ту бо ман бо дасти бародарони ман ва аҳли хонадони ман ҷангида истодаӣ, канӣ арабҳоро ба муқобили ман гузор».[25] Ин муҳориба ва боз якчанд муҳорибаҳои дигар (Яъқубӣ якчанд «муҳорибаҳои шадид» мегӯяд), ки дасти арабҳо боло буд, суғдиёнро маҷбур кард ба паси девори Самарқанд паноҳ баранд (дар охирин ҷанги хеле сахти назди Самарқанд суғдиён қариб ғалаба карда буданд, вале ба арабҳо муяссар гардид, ки ин муҳорибаро ба фоидаи худ анҷом диҳанд).

Муҳосира сар шуд. Худи Ғурак чунин тасвир менамояд: «Он гоҳ арабҳо шаҳрро муҳосира карданд. Онҳо дар муқобили девор 300 мошини деворшикан гузошта, дар се ҷо хандақҳои калон канданд. Нияти онҳо несту нобуд кардани шаҳри мо ва подшоҳии мо буд».[26]

Мошинҳои деворшикан рӯзу шаб деворҳои Самарқандро мекӯфтанд. Арабҳо як ҷойи деворро сӯрох карданд, суғдиҳо зуд онро маҳкам намуданд. Суғдиҳо аз камон тирхоликунон гоҳо берун мебаромаданд ва ба муҳосиракунандагон талафоти зиёд ворид меоварданд. Ҳамин тариқа, онҳо як моҳи тамом шаҳрро мардонавор мудофиа карданд. Вале охири охирон шаҳр таслим шуд. Ғурак ноилоҷ шартномаи барои Самарқанд ниҳоятдараҷа вазнинро имзо кард. Мувофиқи ин шартнома ӯ мебоист якбора ду миллион дирҳам, се ҳазор ғуломи калонсол ва ганҷи бутҳои маъбадҳои қадимаро ба арабҳо супорад, сипас, ҳар сол дусад ҳазор дирҳамӣ ба онҳо нақдина пардозад. Илова бар ин, мувофиқи шарти пешакӣ, самарқандиҳо мебоист барои мусулмонон дар шаҳри худ масҷид месохтанд ва қӯшуни суғдиро аз Самарқанд

[23] Табарӣ, II, с. 1247–1249.
[24] Кляшторний С.Г., 1964, с. 146–153
[25] Табарӣ, II, 1244, 1248.
[26] Chavannes E., 1903, p. 205.

дур мекарданд. Ба ивази ҳамаи ин Қутайба Ғуракро ҳукмрони «Самарқанд ва заминҳои он ва атрофи он ва Кеш ва Нахшаб ва шаҳрҳо ва қалъаҳо» таъйин намуд, Ғурак дар амал вассали ӯ гардид. Қутайба аз тарси шӯриши суғдиҳо дар шаҳр дастаи сарбозони худро гузошт.[27]

Вале рӯҳи озодихоҳии мардуми Самарқанд нашикаст. Чунонки Яъқубӣ хабар медиҳад,[28] тирамоҳи соли 712 «мардуми Самарқанд ба муқобили ӯ (қоиммақоми арабҳо.– Б.Ғ.) сар бардошт ва хоқон, подшоҳи туркон ҳам ба ӯ ҳамла намуд». Фақат расида омадани Қутайба бо қувваҳои асосии араб (баҳори с.713) гарнизони арабро аз шикасти ногузир наҷот дод. Дар манбаъҳои қадимаи туркӣ ҳам доир ба ин воқеаҳо далелу мадракҳои ҷолиби диққат оварда шудаанд. Аз рӯйи маълумоти онҳо, сафорати суғдӣ бо сардории Суком ба қароргоҳи туркон меоянд.[29] Чунонки аз катибаи калоне ба шарафи Гултегин маълум мегардад, ҷавобан туркҳо «ба ёрии халқи Суғд» то худи «дарвозаи оҳанин» (Бойсунтови ҳозира) ҳаракат кардаанд.[30] Ғайр аз ин, чи навъе ки Ҳ.Гибб дуруст қайд мекунад, истилои Самарқанд ба тасарруфи Суғд ва мутеъ кардани суғдиён оварда нарасонид. Аксари суғдиён ҳокимияти арабҳоро эътироф накарда, озодона мезистанд.[31] Бо вуҷуди ин, шӯриши самарқандиҳо бераҳмона пахш карда шуд.

Пас аз даҳ соли ҷангҳои муттасили хунрезона Мовароуннаҳр ба ҳокимияти олии хилофат тобеъ карда шуд. Вале ба ин нигоҳ накарда, халқҳои ин сарзамин худро тамоман мутеъ ҳисоб намекарданд. Тирамоҳи ҳар сол Қутайба аз хавфи ин мардуми озодихоҳ қӯшуни худро аз Амударё гузаронида, дар Марв ва дигар шаҳрҳои Хуросон ҷойгир менамуд ва баҳорон боз ба Мовароуннаҳр ҳамла меовард ва ҳар бор бо қувваҳои тоза меомад, зеро талафоти ӯ дар ҳар дафъаи ба ин ҷониб ҳуҷум карданаш хеле бузург буд.

## Иттифоқи Суғд, Чоч, Фарғона ва туркон

Дар солҳои 712–713 ба муқобили арабҳо иттифоқи хоқони турк ва се давлати калони истиқлолияти худро нигоҳ дошта – Суғд, Чоч ва Фарғона баромад мекард.

Низоъҳои байнихудии ашрофи Суғд ба он оварда расонид, ки Дивоштак таслими Ғурак ва аз тарафи арабҳо ҳамчун подшоҳи Суғд эътироф шудани ӯро барои иштироки худ дар муборизаи зидди истилокорони араб фурсати муносиб дарёфта, Фатуфарн ном сафири худро ба Чоч ва вилоятҳои ҳамсоя фиристод. Дар кӯшки кӯҳи Муғ номаи аз Чоч ирсол доштаи ин сафир маҳфуз мондааст, ки дар тасвири бевоситаи вазъияти ниҳоят мураккаб ва фоҷианоки онвақта беҳтарин ҳуҷҷатест. Фатуфарн ба Дивоштак «хоҷа» гӯён муроҷиат карда, менависад: «Хоҷа, ман ба ҳузури ҳукмрони Чоч расидам. Ва ман, хоҷа, ҳам номаро супурдам ва ҳам он чи даҳонӣ гуфтанӣ буд, якта намонда, ҳамаашро ба тудун (ҳокими Чоч– Б.Ғ.) ва «муовинаш» арз кардам. Ва, хоҷа,

---

[27] Ниг. тафсили ин воқеаҳо: Kurat A.N., 1948, p. 387-440; Смирнова О. И.,1957, с.119-134; Смирнова О. И., 1960, с. 69-79; Кляшторний С. Г., 1959, с. 151-152.
[28] Яъқубӣ, II, с. 344.
[29] «Едгорӣ ба шарафи Тонюкук», 46–47.– Малов С. Е., 1951, с. 69.
[30] «Едгорӣ ба шарафи Гултегин». Катибаи калон, 39–40 – Малов С. Е., с. 41
[31] Gibb H. A. R., 1923, p. 47

номаро ба хоқон ва номаро ба шоҳи Фарғона бо тутуки фарғонӣ (унвон –Б.Ғ.) ба шоҳи Фарғона фиристодам. Ва, хоҷа, ман дигар роҳи худро наметавонам давом диҳам, зеро, хоҷа, мегӯянд, ки хоқонро дидан мумкин нест. Ва, хоҷа, ман аз тудун ва «муовинаш» нома ва ҷавобҳои номаро гирифтам..., вилояти Уструшан тамом аз даст рафтааст. Ва, хоҷа, ман яккаву танҳоям, ҳамроҳ надорам ва, хоҷа, ба рафтан ҷуръат намекунам. Ва, хоҷа, ман ба ин ҷиҳат дубора ба Чоч баргаштам. Ва, хоҷа, ман барои ин аз ту бисёр метарсам. Ва, хоҷа, тудун мувофиқи аҳдномаи сулҳ бо арабҳо худро ақиб кашид. Ва, хоҷа, мувофиқи аҳдномаи сулҳ Ҷомравоз ва форси лашкаркаш ба поин рафтанд – овоза ҳаст, ки барои гирифтани товон ва барои аз арабҳо дур кардани қӯшун... Ва, хоҷа, тудун [аввал] бо Тарбанд шартнома баст [«сулҳ кард»] ва, хоҷа, вай ҳамаи заминҳоро [ҳамту] ба даст овард. Ва, хоҷа, аз рӯйи овозаҳо, «муовин» аз «сулҳ» хеле ғамгин аст ва ҳам аз ту тарсон аст, ки ба назди ту нарафт». Дар охир роҳи маълумотрасонӣ ба Дивоштак, яъне ба воситаи Канд (Конибодоми ҳозира) ва баъд ба воситаи Исфара ба Мастчоҳ ва, сипас, бо водии Зарафшон ба қароргоҳи Дивоштак расидани хабар нишон дода мешавад.[32]

Номи тудун – ҳокими Чоч – аз дигар сарчашмаҳои хаттӣ низ маълум мегардад, ки Моҳэду-тутун (Баҳодуртудун) будааст.[33] В.А.Лившитс тахмин дорад, ки дар баробари тудуни қароргоҳаш Тарбанд (Ӯтрори ҳозира), ҳокими маҳаллӣ «ҳукмрони Чоч» ҳам буд, ки дар Бинкент (наздикии Чоч) қароргоҳ дошт.[34] С.Г.Кляшторний, ки бо далелҳои муайян «тудун» ва «ҳукмрони Чоч»-ро як шахс медонад, ба ин нуқтаи назар мухолиф аст.[35] Хоқон аслан Инэлхоқони турк мебошад.[36]

Подшоҳи Фарғона ҳам иштирокчии ин иттифоқ буд. Ба қатори иштирокчиёни иттифоқ, албатта, худи Дивоштакро низ ҳамроҳ кардан лозим аст.

Агарчанде Суғд ва, хусусан, ноҳияҳои кӯҳии Самарқанд ҳанӯз комилан ба таҳти тасарруфи арабҳо надаромада буданд, Қутайба ибни Муслим қарор дод, ки аввал ба зӯртарин иштирокчиёни иттифоқи зидди арабҳо – фарғониҳо, чочиҳо ва туркҳо зарба занад. Ӯ қувваи зиёде ҷамъ карда, бо ду фавҷ ба роҳ медароял. Яке аз фавҷҳо, ки аксаран аз «муттафиқон» – дастаҳои аз аҳолии Кеш, Насаф ва Хоразм ташкилшуда фароҳам омада буд, ба тарафи Чоч равона гардид, фавҷи дигар ба сӯйи Хуҷанд ва Фарғона ҳаракат намуд. Дар бораи амалиёти фавҷи шимолӣ маълумоти хеле кам мавҷуд аст. Вай Чочро забт карда, бисёр маҳалҳои онро оташ дод. Фавҷи ҷанубӣ, ки худи Қутайба сардорӣ мекард, пас аз якчанд задухӯрд Хуҷандро ишғол карда, ба Косон расид. Дар ин ҷо ду фавҷ ба ҳам муттаҳид шуданд. Аз маълумоти Ибни Ҳавкал[37] ва Истахрӣ,[38] ки мутаассифона, хеле иштибоҳист, чунин бармеояд, ки

[32] Лившитс В.А. 1962 б, с. 77–91.
[33] Бичурин, II 1950, б, с. 313.
[34] Лившитс В.А.. 1962, б, с. 82-83.
[35] Кляшторний С.Г., 1959, с. 159–161.
[36] Кляшторний С.Г., 1960, с. 134; Кляшторний С.Г., 1959, с. 154.
[37] Ибни Ҳавкал, BOA, II. 1873. p. 328.
[38] Истахрӣ, BGA, I, 1870, p. 383.

Қутайба дар Уструшан, боз ҳам на фақат дар қисмати ҳамворӣ, балки дар маҳалҳои кӯҳистонии он низ амалиёт доштааст.[39]

Маълумоте низ мавҷуд аст, ки гӯё Қутайба дар Фарғона қоиммақоми арабро гузошта, дар Чоч ва Фарғона маҳаллаҳои арабнишин сохта бошад, вале асосҳое ҳастанд, ки дурустии ин маълумотро зери шубҳа мегузоранд. Қутайба ғалаба карда бошад ҳам, муқовимати фарғониҳо ва чочиҳоро тамоман шикаста натавонист. Маълумоте, ки дар ахбори Фатуфарн мавҷуд аст, маҳз ба ҳамин маънӣ далолат мекунад. Чи навъе ки маълум аст, Фатуфарн дар айни гармогармии амалиёти ҷангии соли 713 фиристода шуда буд.

Соли 714 Қутайба бори дигар ба Чоч ҳамла меорад. Он ҷоро ба қароргоҳи асосии худ табдил дода, ба тарафи Исфиҷо (Сайрами ҳозира, дар наздикии Чимкент) ҳаракат мекунад. Таваҷҷуҳи Қутайбаро на он қадар аҳамияти тиҷоратии ин шаҳр, балки бештар ҷиҳати стратегии он ба худ ҷалб менамояд. Ӯ Исфиҷобро забт карда, ният дошт пеши роҳи лашкари туркро, ки ба ёрии иттифоқчиёни осиёимиёнагии худ мерафт, бигирад.

Дар сари соли 715 Қутайба ба Фарғона ҳуҷум карда, ба он зарбаи сахт расонид. Подшоҳи Фарғона фирор намуд.

Дар ҳамин вақт ба тахти хилофат Сулаймон нишаст, ки душмани Қутайба буд. Қутайба бар зидди ӯ исён кард, вале ин исён ба шикаст ва марги худи вай анҷом ёфт.

Арабҳо футуҳоти Осиёи Миёнаро анҷом дода, маркази вилояти шарқии худро, ки Хуросон ва Мовароуннаҳрро дар бар мегирифт, дуртар аз Бухоро ва Самарқанди «ноором» – Марв муқаррар карданд.

Ба муваффақияти хилофат дар истилои Осиёи Миёна чӣ мусоидат намуд?

Сабаби асосии ин муваффақият, пеш аз ҳама, парокандагии сиёсии мамлакат буд, ки арабҳо ин вазъиятро барои манфиатҳои худ хеле моҳирона истифода бурда тавонистанд. Онҳо аз аввалин рӯзи ба Мовароуннаҳр қадам ниҳодани худ тамоми тадбирҳоро пешбинӣ карданд, то вилоятҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна ба ҳам муттаҳид нашаванд. Ин ба онҳо, дар ҳақиқат ҳам, муяссар гардид. Қутайба чунин сиёсатеро пеш гирифта буд, ки аввалан, ба яке аз давлатчаҳои ба ҳамдигар душман кумак расонида, тарафи муқобилро торумор мекард ва, сипас, худи онро низ мутеъ менамуд. Аксар вақт ҳукуматчаҳои ҷудогонаи Мовароуннаҳр, ба манфиати истилогарон, бар зидди якдигар мубориза мебурданд. Қутайба барои тасхири Суғд илова бар қӯшунҳои араб аз қувваҳои ҳарбии Хоразм, Бухоро, Насаф ва баъдтар, аз қувваҳои Суғд низ истифода намуд.

Дигар аз сабабҳои муваффақияти қӯшунҳои хилофат дар ин ҷост, ки онҳо зиддиятҳои байни туркҳои бодиянишин ва аҳолии воҳаҳои зироатии Осиёи Миёнаро истифода бурда, гоҳо муваффақ мешуданд онҳоро аз ҳам ҷудо кунанд ва якеро ба муқобили дигаре барангезанд.

Ниҳоят, арабҳо аз ҷиҳати ҳарбӣ бартарияти калоне доштанд. Онҳо мамлакатҳои зиёдеро забт намуда, аҳолии маҳаллӣ ва воситаҳои моддии давлатҳои мутеъро барои муваффақияти сиёсати таҷовузкоронаи худ истифода бурда тавонистанд.

---

[39] Неъматов Н.Н., 1954. с. 120.

Халқҳои Осиёи Миёна ба истилогарони араб муқовимати хеле шадид нишон медоданд, вале борҳо иттифоқ меафтод, ки ҳокимони онҳо, мисли подшоҳчаҳои Хоразм ва Суғд, хиёнат карда, боиси барбод рафтани он ҳама ҷонфишониҳои халқ мегардиданд. Аксари подшоҳчаҳои маҳаллӣ на ин ки ба мубориза оммаи халқ барои истиқлолият сардорӣ кардан, балки ба ваъдаҳои арабҳо фирефта шуда, ба истилогарон сари итоат фуруд оварданро афзалтар медонистанд.

## 4. АЗ ТАРАФИ АРАБҲО ЗАБТ КАРДА ШУДАНИ МОВАРОУННАҲР (ДАВРАИ ДУВУМ)

### Аҳволи халқҳои Осиёи Миёна

Арабҳо дар тамоми шаҳру деҳаҳои бузурги Осиёи Миёна қувваҳои ҳарбии худро гузошта, бо пуштибонии онҳо аҳолии маҳаллиро дар зери итоат нигоҳ медоштанд ва молиёт ҷамъоварӣ мекарданд.

Ҳукмронии хилофати араб дар Осиёи Миёна бар дӯши аҳолӣ бори сангине гардида буд. Чунончи, Қутайба дар вақти тарк кардани Самарқанд, пас аз ишғоли он, ба бародари худ, ки сардори гарнизони арабҳо буд, чунин амр намуд: «Ба ҳеҷ як бутпараст, то вақте ки муҳр ба дасташ назананд, иҷоза надиҳед, ки аз дарвоза берун шавад ва агар муҳр то берун шудан аз шаҳр хушк гардад, ӯро бикушед ва агар теғе аз ӯ пайдо кунанд, ӯро бикушед. Ва агар шабонгаҳ пас аз бастани дарвоза касеро дар шаҳр пайдо кунед, вайро бикушед».[40] Аҷнабиён кишвари забткардаи худро ғорат ва аҳолии онро ба қабули дини нав маҷбур карда, маданият ва урфу одатҳои мардуми ба зери итоат даровардаашонро таъқиб менамуданд. Онҳо ба он ҳама сарвате, ки ҳангоми ишғол кардани шаҳрҳо ба даст медароварданд, қонеъ нашуда, аз аҳолии маҳаллӣ андозҳои аз ҳад зиёд ситонида, ононро водор мекарданд, ки оқоёни нави худро бо ғулом, каниз, чорво, ғалла, маснуоти бофандагӣ ва дигар молҳо, инчунин гарнизони арабҳоро бо чизҳои зарурӣ таъмин намоянд.

Аъёну ашрофи араб дар вилоятҳои забтшуда беҳтарин заминҳои кишт ва василаҳои обёриро ба ихтиёри худ гирифта, ба шаҳрҳо хироҷ меандохтанд. Қисмате аз ҷанговарони араб дар заминҳои сабзу хуррами аз аҳолии маҳаллӣ мусодиракардаи худ манзил гирифтанд.

Ҳамон навъҳои молиёте, ки дар замони Сосониён буданд, дар ин давра низ вуҷуд доштанд. Масалан, хироҷ, ки нисфи ҳосили заминро ташкил мекард ва ҷизя, ки дар аввалҳо фақат аз касони ғайримусулмон гирифта мешуд, ба таври васеъ ҷорӣ гардид. Илова бар ин, ба барзгарон ва пешаварон андозҳои дигар, уҳдадориҳои молӣ ва корҳои иҷборӣ дар сохтмони биноҳо, пулҳо ва девори қалъаҳо, кофтани рудхонаҳо ва ғ. бор карда мешуданд. Арабҳо касонеро, ки аз адои молиёт саркашӣ кунанд, ба ҷазоҳои мудҳиш гирифтор мекарданд ва заминҳои онҳоро мусодира менамуданд.

Дар баъзе шаҳрҳо, чунончи, Марв, Самарқанд, Бухоро ва ғ. истилокорони араб нимаи ҳавлиҳои ҳар як аҳолии маҳаллиро ишғол карда буданд.

[40] Табарӣ, II, 1250, 1252.

Агарчанде гоҳо, масалан, дар Бухоро, ин қабил мусодираҳо бо баҳонаи зарур будани назорати доимӣ бар он ки аҳолии маҳаллӣ амрияи исломро чи тавр ба ҷо оварда истодаанд, ба амал меомад, вале дар асл ин ҳам яке аз шаклҳои ғорат кардани аҳолӣ буд, алалхусус, арабҳо пас аз соҳиб шудан ба хонаҳои иқоматӣ соҳибони собиқи ҳавлиҳоро водор менамуданд, ки барои онҳо кор кунанд.

Халифаҳои араб дар кишварҳои тобеи худ сиёсати ба расмият даровардани дини исломро ҷорӣ мекарданд. Онҳо дар Осиёи Миёна низ мехостанд ҳокимияти худро бо ҳамин восила мустаҳкам намоянд. Дар вақти сар шудани истилои арабҳо дар Осиёи Миёна дини ягона вуҷуд надошт. Дар баробари хеле васеъ паҳн шудани оини зардуштӣ, дар ин ҷо пайравони мазҳабҳои исавӣ, буддоӣ ва монӣ ҳам мавҷуд буданд. Арабҳо ба ҳамаи ин дину мазҳабҳо ҳуҷум намуда, онҳоро куфр эълон карданд. Онон, махсусан, бар зидди дини зардуштӣ, ки оини аксарияти аҳолии Осиёи Миёна буд, ба таври хеле ҷиддӣ мубориза бурданд. Арабҳо барои ин ки ҳар чӣ зудтар таъсири дину мазҳабҳои дигарро аз миён баранд, дар ҳама ҷо адабиёти динии мардумони Осиёи Миёна, хусусан китобҳои зардуштиро сӯхта нобуд карданд. Дар натиҷа, на фақат адабиёти динӣ, балки адабиёти дигар соҳаҳои зиндагии халқҳои Мовароуннаҳр ва дар ин қатор осори хаттии суғдиён низ қариб тамоман аз миён рафтанд.

Аҳолие, ки дини исломро қабул карда буданд, соҳиби имтиёзҳои калон гардиданд. Арабҳо дар аввалҳои кор ба ононе, ки заруриёти дини навро ба ҷо меоварданд, ҳатто пул медоданд ва аз одамоне, ки оини исломро пайравӣ намекарданд, ҳар сол ҷизя мегирифтанд. Ин тадбирот ба паҳн шудани дини ислом дар Осиёи Миёна хеле мусоидат намуд. Лекин, бо вуҷуди ин, аксарияти аҳолии ин сарзамин, ҳарчанд дини исломро қабул карда бошанд ҳам, муддати дурударозе ба дини аввалаи худ ба таври пинҳонӣ пайравӣ мекарданд.

## Муборизаи суғдиён, фарғониҳо ва туркон дар солҳои 720–722

Дар таълифоти таърихшиносӣ гоҳе ба иштироки Хитой дар муборизаи зидди арабҳо ишора карда мешавад. Ин тамоман дар заминаи ғалат ва иштибоҳ ба миён омадааст. Дар ҳақиқат, чунонки сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, императорҳои Тан ҳокимони Осиёи Миёнаро ба муқобили арабҳо барангезонда, ба онҳо ташаккур изҳор мекарданд ва мансаб мебахшиданд. Ҳукумати Хитой ин ҳокимонро ба муборизаи зидди арабҳо таҳрик намуда, дар оянда ба онҳо ёрӣ карданро ваъда дода ва дар сурати ба ҷо наовардани уҳдадориашон тобеияти худро нисбат ба Хитой эътироф кардани онҳоро талаб карда, аслан барои ёрӣ расондан ба мардуми Осиёи Миёна ангушти худро ҳам хам накарданд.

Чи навъе ки Л.Н.Гумилёв[41] қайд мекунад, ҳукумати Тан аз дигар қисматҳои сарҳади худ ягон дастаи аскарро гирифта, ба кумаки фарғониҳо ва суғдиҳо нафиристод. Чунонки муҳаққиқ менависад: «Империягиҳо умедворӣ доштанд, ки ваҳшати ғоратгариҳои арабҳо ва тибатҳо аҳолии Осиёи Миёнаро

[41] Гумилёв Л. Н., 1967 а, с. 355.

ба оғӯши онҳо тела медиҳад ва ба онҳо фақат сурати ташкилӣ додан мемонаду халос» (ибораи «сурати ташкилӣ» мебоист ба нохунак гирифта мешуд) .[42]

Суғдиён аз кумаки хитоиҳо умеди худро канда, барои аз нав барқарор кардани иттифоқ бо фарғониён ва туркҳо ҳаракат намуданд. Соли 720 дар Суғд оташи муборизаҳои озодихоҳӣ дубора фурӯзон гардид.

Пеш аз ин чунин воқеаҳо ба амал омаданд:

Халифа Умар ибни Абдулазиз (717–719) ислоҳоти молиявие эълон кард, ки дар асоси он аз касони дини исломро қабул карда, ҳамчун мусулмонони араб, на хироҷ ва на ҷизя ситонида намешуд. Ӯ аз тарафи арабҳо ба даст овардан, ё худ аниқтараш зер карда гирифтани заминҳоро низ манъ кард, зеро ин боиси ба хазинаи марказӣ хеле кам дохил шудани хироҷ мегардид. Аммо қоиммақомҳои Хуросон бо ҳар баҳона аз иҷрои ин амри халифа саркашӣ мекарданд. Дар навбати худ аъёну ашрофи маҳаллӣ, ки аксари онҳо худро мусулмон мегуфтанд, аслан намехостанд андоз ба арабҳо расад. Онҳо ҳам дар ғами афзудани сарвати худ буданд. Ба ин ҷиҳат дар байни аъёну ашрофи маҳаллӣ ва намояндагони идораи хилофат зиддият пайдо шуд. Мардум, ки аз зулму ситам ва қатлу ғорати арабҳо ба дод омада буд, тарафи аъёну ашрофи маҳаллиро гирифт. Овозае паҳн гардид, ки дар соли 100 ҳиҷрӣ, мутобиқи солҳои 718–719 милодӣ, ба қудрати арабҳо завол мерасад.[43]

Шояд ба муқобили арабҳо сар бардоштани Ғурак (маҳз дар ҳамин вақт, на пештар аз ин) баҳонае шуд, ки Диваштак бо таҳрики арабҳо худро подшоҳи Суғд ва ҳокими Самарқанд эълон кард.

Ҳамон гурӯҳҳои ашрофи суғдӣ ҳам, ки пештар байни худ хусумат парварида, тамоюлоти гуногунро пеш гирифта буданд, якҷоя бар зидди арабҳо бархостанд. Туркҳо ҳам ба ёрӣ даъват шуданд.

Суғдиҳо дар аввали соли 720 шӯриш бардоштанд. Кумаки туркҳо низ дар сари вақт расид. Хоқони турк бо сардории Курсул қӯшун фиристод. Иттифоқчиён ба қувваҳои араб сахт зарба заданд. Дар кишвари суғдиён қариб ҳеҷ маҳалле ва ё ҳокиме намонда буд, ки ба муқобили истилогарон сар набардошта бошад. Фақат дар баъзе ҷоҳо гарнизони арабҳо боқӣ монда, он ҳам бо додани товон ва гарав гузоштани одамон мавҷудияти худро нигоҳ медошт. Инак, вақти ҳисоб расид. Мавқеъҳо иваз шуданд. Истилогарони

---

[42] Л.Н.Гумилёв дар баробари мушоҳида ва мулоҳизаҳои пурарзиш доир ба муносибатҳои ондавраинаи Осиёи Миёна ва Хитой ақидаеро ҳам баён намуд, ки тамоман хатост. «Ҳокимони Осиёи Миёна,- мегӯяд ӯ,- мехостанд, ки ба ёрии онҳо (аз Хитой.–Б.Ғ.) лашкар фиристанд, аммо дар Хитой расидани қувваи имдодии онҳоро мунтазир буданд. Ҳамин ки дар Суғд инро фаҳмиданд, муқовиматро бар зидди арабҳо бефоида дониста қатъ карданд» (Гумилёв Л.Н., 1967 а, с. 355). Ба ин тариқа, Л.Н.Гумилёв давоми муқовимати халқҳои Осиёи Миёнаро бар зидди арабҳо комилан ба кумаки Хитой алоқаманд мекунад. Пеш аз ҳама, хотирнишон мекунем, ки чунин хулосаи қатъии Л.Н. Гумилёв хилофи он маълумотест, ки худи ӯ дар саҳифаҳои оянда аз хусуси давом ёфтани муборизаи зиддиарабии суғдиҳо бо иттифоқи туркҳо дода, «ҳарф дар бораи ислом ва андозҳои он шунидан нахостани» кӯҳистониёни суғдиро таъкид намудааст (Гумилёв Л.Н., 1967 а, с.357). Воқеан ҳам дар охири соли 718 ва аввали соли 719 подшоҳи Суғд Ғурак ба императори Хитой нома фиристода буд. Дар ин нома гуфта мешуд, ки суғдиҳо ҳар сол қӯшуни зиёде фароҳам карда, ба муқобили арабҳо меҷанганд, лекин император ягон бор кумаки ҳарбӣ нарасонидааст. Дар охири нома Ғурак аз император хоҳиш карда буд, ки як миқдор сарбоз фиристад (Charannes E.,. 1903, p. 205). Чунонки маълум аст, хитоиҳо ин дафъа ҳам кумак нарасониданд. Вале, бархилофи Л.Н.Гумилёв, суғдиҳо ҳеҷ гоҳ муқовимати худро бар зидди арабҳо бас накарданд.

[43] Бартолд В.В., 1964 в, с. 382, 384-387.

афтодаҳол дар ин арасот аз қаҳру ғазаби бениҳояти халқ ба ларза даромаданд. Қоиммақоми Хуросон ҳарчанд саъй кард, ки шӯришро хобонад, аммо натавонист. Он гоҳ Саид ал-Ҳарошӣ, ки дар пахш кардани шӯриши халқи Ироқ «шуҳрат» ёфта буд, қоиммақоми Хуросон таъйин гардид. Ӯ бо шӯришчиён гуфтушунид сар кард, фавран қисме аз аъёну ашроф нисбат ба шӯриш хиёнат намуд. Дар миёни ин хиёнаткорон подшоҳи Суғд – Ғурак ҳам буд, ки на фақат ба тарафи арабҳо гузашт, балки ҳамроҳи онҳо бар зидди раияти худ ҷангиданро ҳам ба зимма гирифт.[44] Бо вуҷуди ин, аксари шӯришчиён қарор доданд, ки ба душман таслим нашуда, ба маҳалҳои аз тасарруфи арабҳо берунмонда паноҳ баранд.

Чунин маҳал Фарғона буд. Подшоҳи он Алутар, ки он вақт дубора тоҷу тахтро соҳиб гардида буд, ба суғдиён паноҳгоҳ ва ҳимоят ваъда дод. Қисми зиёди суғдиҳо ба ин ваъда бовар карда, роҳи Фарғонаро пеш гирифтанӣ шуданд. Онҳоро Қарзанҷ ном марди далер ва шуҷоъ сардорӣ мекард. Фарғона рафтан ба ӯ маъқул набуд. Ӯ нақшае пешниҳод кард, ки мувофиқи он ба қӯшуни пешоҳанги араб ҳамла намуда ва онро торумор карда, ба он сӯйи Сирдарё, ба назди туркҳо рафтан лозим буд. Лекин тоҷирон ва деҳконони суғдӣ бо ин пешниҳоди ӯ розӣ нашуданд ва Фарғонаравиро исрор карданд. Вақте ки фавҷи шӯришгарон ба тарафи Фарғона равон шуд, Алутар аҳдшиканона бо арабҳо гуфтугузор сар карда, ваъда дод, ки шӯришиёнро ба дасти онҳо месупорад. Вале ба суғдиҳо хабар расонид, ки ваъдаи ба онҳо додаи ӯ пас аз 20 ё 40 рӯзи дар яке аз дараҳои Исфара пинҳон шудани онҳо қувват пайдо мекунад. Дар ҳамин вақт, ки ду тараф саргарми гуфтушунид буд, қӯшуни араб ба Хуҷанд, ба қароргоҳи муваққатии шӯришгарон расида омад. Маълум, ки дастнишондаи арабҳо – Алутар ёрӣ расонданро ба одамони фиребдодааш рад намуд.

Ба арабҳо ишғоли Хуҷанд (баҳорон ё тобистони с.722) ба осонӣ муяссар нагардид. Суғдиҳо то дами охирин истодагарӣ карданд. Онҳо дар назди дарвозаҳои шаҳр хандақ канда, болои онро пӯшониданд ва сипас, бардурӯғ рӯ ба гурез ниҳоданд, арабҳои фирефташуда онҳоро таъқиб намуданд ва даҳҳо нафарашон ба хандақ ғалтида, асири суғдиён гардиданд. Аммо, вақте ки қувваҳои сершумори арабҳо расида, мошинҳои деворшикан ба кор сар карданд, вазъияти ба муҳосира афтодагон хеле бад шуд. Онҳо шартҳои арабҳоро дар бобати баргаштан ба Суғд, пардохтани хироҷ ва раҳо кардани асирони араб қабул намуданд. Суғдиёни шӯришгар ҳама беяроқ карда шуданд. Арабҳо якеро гунаҳгор хонда, тамоми онҳоро қир карданд. Сарбозони суғдӣ дар охирин лаҳзаи ҳаёти худ ҳам ҷасорати фавқулода нишон медоданд. Табарӣ бо тааҷҷуб менависад, ки суғдиёни бесилоҳ калтак ба даст ҷангида, муқовимат мекарданд.[45] Ҳамаи онҳо аз дами теғ гузаронида шуданд. Фақат 400 нафар тоҷирон зинда монданд, ки ҷони худро бо пулу моли бисёре аз арабҳо харида гирифтанд. Аҳолии Хуҷанд ҳам ба азият ва маҳрумиятҳо дучор гардид; саркардаи араб фармуд, ки заминдорони ин ҷо ба гардани худ муҳри сурбӣ овехта гарданд; касеро, ки андаке аз итоат сар мекашид, ба куштан медоданд.

Ба гурӯҳи дигари шӯришгарон Дивоштак сардорӣ мекард. Ӯ бо ҳамроҳони худ аз Панҷакент ба саргаҳи Зарафшон ҳаракат кард. Аз рӯйи тахмини ба

---

[44] Мумкин аст сабаби хиёнати ӯ аз тарси Дивоштакро подшоҳи Суғд хостани арабҳо бошад.
[45] Табарӣ, II, 1445.

ҳақиқат наздики А.Ю.Якубовский, Дивоштак ният дошт одамони худро аз ағбаи Шаҳристон гузаронида, ба Хуҷанд ва Фарғона расонад.[46] Вале ин нияти ӯ амалӣ нагардид. Дар қарибиҳои қишлоқи Қум кӯшке ба номи Абгор (ё худ Абаргор) мавҷуд буд, ки онро ба кӯшки Кӯҳи Муғ як мешуморанд.[47] Қӯшуни араб дастаҳои чанде аз ҳокимони Осиёи Миёнаро ҳам дар бар гирифта буд. Кӯшишҳои Дивоштак дар бобати гирифтани пеши роҳи душман бо ҷанги танбатан натиҷае набахшид. Дере нагузашта захираи озуқа ва лавозимоти фидоиёни ба муҳосира афтодаи ӯ ба охир расид. Дивоштак маҷбур шуд, ки бо арабҳо гуфтушунид сар кунад. Арабҳо барои нигоҳ доштани ҳаёти сад нафар, аз ҷумла, худи Дивоштак замонат доданд. Аммо дар ин ҷо ҳам истилогарон макру фиреби ҳамешагии худро ба кор бурданд: Дивоштакро ваҳшиёна қатл карданд ва сари буридаи ӯро ба ҳукмрони Ироқ фиристоданд.[48]

Неҳзати зидди арабҳо бераҳмона пахш карда шуд. Бисёр деҳқонон ва ҳокимони маҳаллӣ нобуд гардида, молу мулки онҳо ба дасти саркардаҳои араб расид. Истисмори барзгарон қувват гирифт.

Баъзе ҳокимони мулкҳои Осиёи Миёна пас аз шикаст хӯрдани неҳзати зиддиарабии солҳои 720-722 ҳам муборизаро қатъ накарданд. Дар байни онҳо, ҳатто касоне ҳам буданд, ки дар вақтҳои пеш ба назди истилогарон сар хам мекарданд. Чунончи, дар соли 723 подшоҳи Фарғона – Алутар бар зидди арабҳо лашкар кашида, бо ҳамроҳии фарғониҳо ва чочиҳо онҳоро дар тамоми роҳи аз Хуҷанд то Самарқанд таъқиб намуд ва ба истилогарон зарбаи сахт ворид овард. Аҳолии Суғд аз сари нав шӯриш бардошт. Оташи мубориза гоҳо хомӯш мешуд ва гоҳо забона мезад. Амалиёти ҳарбӣ гоҳ ба фоидаи арабҳо ва гоҳ ба фоидаи муборизони роҳи озодӣ анҷом меёфт.[49]

## Муборизаи Хатлонзамин бар зидди истилогарон

Мардуми далер ва озодихоҳи Хатлон (Хаталон) ба истилогарони араб муқобилати сахт нишон доданд. Он вақтҳо Хатлон тамоми хоки гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб ва водии Вахшро дар бар мегирифт ва дигар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон аз ҷиҳати сиёсӣ ба вай итоат мекарданд. Подшоҳи Хатлон дар ихтиёри худ 50 ҳазор қӯшун дошт.[50]

Арабҳо фақат дар соли 725 ба муқобили Хатлон амалиёти ҷиддии ҳарбӣ сар карданӣ шуданд. Қоиммақоми араб – Асад ибни Абдуллоҳ пас аз барқарор намудани Балх ба ин мулк лашкар кашид. Вале арабҳо ба қувваи муттаҳидаи подшоҳи Хатлон ва хоқони турк рӯ ба рӯ шуда, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Табарӣ хабар медиҳад, ки вақти аз ҷанги Хатлон шармандавор шикаст хӯрда, ба Балх баргаштани Асад ибни Абдуллоҳ аҳли Балх дар ҳаққи ӯ суруди тамасхуромез меофаранд, ки аз аввалин асари маҳфузмондаи тоҷикӣ ҳисобидан мумкин аст:

---

[46] Якубовский А. Ю., 1950, с. 39.
[47] Волин С., 1940.
[48] Табарӣ, II, 1447–1448; Ибн ал-Асир, V, 82.
[49] Дар ин бора муфассалтар ниг.: Қодирова Т., 1965, с.80-85.
[50] Chavannes E., 1903, p. 200-201.

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия.
Обор боз омадия,
Хушку низор омадия.[51]

Арабҳо дар муҳорибаи Хатлон чунон сахт шикаст хӯрда буданд, ки дар муддати бештар аз даҳ сол ишғол кардани онро ҳатто ба гӯшаи хотир ҳам намеоварданд. Фақат дар соли 737 Асад ибни Абдуллоҳ ба Хатлон ҳуҷум кард. Аввалҳо дасти ӯ қадре боло шуд. Вале хоқони турк аз ҳуҷуми арабҳо огоҳӣ ёфта, бо қувваи зиёде ба кумаки хатлониҳо шитофт. Асад ибни Абдуллоҳ ақиб нишаста, ба воситаи дарёи Панҷ ба тарафи Кӯҳи Намак (ҳоло Хоҷа Мӯъмин меноманд) паноҳ бурд. Дар вақти фирор арабҳо аз қофилаҳои худ тамоман маҳрум шуданд. Қӯшуни турк ва хатлониҳо дар соҳили чапи дарё ҳам арабҳоро таъқиб мекарданд. Иттифоқчиён комилан имкон доштанд, ки қувваҳои бесарусомон ва ҳаросон гурехтаистодаи арабро тамоман мағлуб карда, Балхро ишғол намоянд. Вале онҳо, ба ивази ин ки якҷоя ва фавран ба қӯшуни арабҳо зарба зананд, муддати дароз нигарон истода, мавзеъҳои камаҳамиятро забт мекарданд ва қувваҳои худро парешон менамуданд. Инак, вақте ки дар Хористон байни қӯшуни иттифоқчиён ва арабҳо муҳориба ба амал омад, дастаҳои Асад на фақат ҷон ба саломат бурданд, балки сарбозони хоқон ва хатлониҳоро торумор ҳам карданд. Ҳокими Хатлон Бадр-Тархон[52] ва сарбозони ӯ ба муҳосира афтода, бо аскарони араб ҷангро давом медоданд, вале дар охир маҷбур шуданд, ки дар бобати сулҳ бо арабҳо гуфтушунид кунанд. Арабҳо ваъда доданд, ки ба Бадр-Тархон даст намерасонанд. Ин дафъа ҳам ваъдаи онҳо дурӯғ буд. Бадр-Тархонро мисли Дивоштак аҳдшиканона ба куштан доданд ва ӯ ваҳшиёна қатл карда шуд. Пас аз ин арабҳо Хатлонзаминро ба таҳти тасарруфи худ даровcovered.

Як нафар аз зурёти ҳокимони Хатлон хост ба Фарғона фирор намояд. Вале ба таъқиби арабҳо дучор гардида, ба Уструшан гурехт. Ӯ ва ҳамроҳонаш бо худ бутҳои бисёреро ба Уструшан оварданд.[53]

Чунонки гуфта шуд, дар сари ҳукумати Уструшан афшин меистод. Афшинҳои Уструшан ба тарафдории деҳқонон–мулкдорони хурд ва, махсусан, ба хайрхоҳӣ ва муборизаи фаъоли заминдорони озодихоҳ истинод намуда, истилогарони арабро то охири асри VIII ба қаламрави худ роҳ надоданд.[54]

Дар соли 728 ва солҳои 736–737 аҳолии Тахористон ва Суғд бо ҳимояи қӯшуни хоқони турк бар зидди истлогарони араб сар бардоштанд. Аҳволи арабҳо, хусусан, дар соли 737 хеле вазнин гардид. Тафсили ин қиёми озодихоҳона чунин аст: дар аҳди хилофати Ҳишом (724–743) аксари аҳолӣ исломро фақат зоҳиран қабул карда, ҷизя намедоданд. Дар натиҷа даромади хазинаи давлати араб хеле кам шуд. Халифа ба мақсади дубора барқарор намудани даромади хазина амр кард, ки тамоми одамони мусулмоншуда боз

[51] Табарӣ, II, 1492, 1494, 1602–1603.
[52] Дар бораи шахсияти ӯ ниг.: Смирнова О. И., 1969, с. 217–220.
[53] Табарӣ, II, 1964. Дар бораи тафсили муборизаи Хатлон бар зидди арабҳо ниг.: Беленитский А. М., 1950 а, с. 113–120.
[54] Неъматов Н.Н., 1954.

андози иловагӣ – ҷизя диҳанд. Адо намудани он барои мардум душвор буд. Бинобар ин онҳо ба унвони халифа нома навишта, изҳори эътироз намуданд ва арз карданд, ки аз мусулмонон гирифтани ҷизя ғайриқонунист ва мухолифи ваъдаи хилофат аст. Аммо талаби мардум аз тарафи Ҳишом рад карда шуд. Он гоҳ суғдиҳо аз ислом рӯй гардонида, ба пайравӣ кардани ақидаҳои динии қадимаи худ шурӯъ намуданд. Илова бар ин, туркҳоро ба ёрӣ даъват карда, ба муқобили ҳокимияти хилофат шӯриш бардоштанд. Ин шӯриш ба дараҷае вусъат ёфт, ки ғайр аз Самарқанд ва Дабусия тамоми хоки Мовароуннаҳр ба дасти шӯришчиён даромад.

Рӯз то рӯз хавфноктар гардидани вазъияти Хуросон ва Мовароуннаҳр халифаи арабро маҷбур сохт, ки дар як муддати кӯтоҳ якчанд қоиммақомро иваз кунад. Ниҳоят, дар соли 738 Наср ибни Сайёр қоиммақоми Хуросон ва Мовароуннаҳр таъйин гардид. Ӯ вақти зиёде ба корҳои давлатии Хуросон машғул шуда, баробари он дар солҳои 738–739 се маротиба ба Мовароуннаҳр лашкар кашид ва шӯришҳои аҳолии Самарқанд, Чоч ва Форобро фурӯ нишонид. Наср ибни Сайёр фаҳмид, ки фақат бо роҳи ҷанг мутеъ кардани мардуми ин сарзамин мумкин нест. Аз ин рӯ, вай роҳи бо аъёну ашрофи маҳаллӣ созиш карданро меҷуст, то ки барои дар итоат нигоҳ доштани мамлакат аз қувваи онҳо истифода барад. Ӯ духтари бухорхудотро ба занӣ гирифта, бо асилзодагони Мовароуннаҳр робитаи ақрабой пайдо мекунад.

Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, муборизаи мардуми Осиёи Миёна бар зидди истилогарон ҳамоно давом мекард ва ин сарзамин яке аз беэътимодтарин гӯшаву канорҳои хилофат ба ҳисоб мерафт.

## Оқибати ба хилофати араб ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна

Ҳангоми баҳо додан ба аҳамияти таърихии аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна, чунонки дар баъзе тадқиқот ба шакли пардапӯшида ба назар мерасад, набояд ба ифроту тафрит роҳ дод. Дар вақти таҳлили чунин ҳодисаи мураккаб, мисли Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо, пеш аз ҳама, мавқеи синфиро ҷиддан риоя намудан, гуногунӣ ва рангорангии ғайриодии таркиби синфӣ ва тоифавии ҷамъияти феодалиро ба эътибор гирифтан зарур аст.[55]

Шубҳае нест, ки маъмурони сосонӣ, аъёну ашрофи динӣ ва ғайридинии маҳаллӣ дар Эрон ва Осиёи Миёна ба кишоварзону ҳунармандон аз ҳад зиёд зулм мекарданд. Ин буд, ки оммаи халқ аввалҳо ҳукумати худро дар мубориза бар зидди арабҳо дастгирӣ накард, шиори ҳокимони арабро дар бораи баробарҳуқуқӣ ва озодӣ саҳван ҳамчун таҷдиди анъанаҳои неҳзати маздакия пиндошт. Ҳамаи ин дар давраи аввали истило ба ҳаракати фотеҳони арабҳо дар сарзамини Эрон ва Хуросон мусоидат намуд.

Дар айни замон, аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна, қабл аз ҳама, ҷанги ғосибонае ба манфиати табақаи ҳукмрони араб буда, ба сари мардумони мутеъ мусибат ва маҳрумиятҳои зиёде меоварду дучори зулму тааддии дутарафа мегардонид.

[55] Ғафуров Б.Ғ., 1963 а.

Ҳокимони маҳаллӣ аз тобеияти Эрони сосонӣ, хусусан дар нимаи дувуми асри VII раҳоӣ ёфта, ба зери ҳукмронии маъмурияти боз ҳам бераҳмонатари араб афтоданд. Истилогарон сиёсати толону тороҷ ва ҷабру ситамро ҷорӣ намуданд. Дар натиҷаи ин, алалхусус, дар марҳилаҳои баъдинаи истило, дар бисёр маҳалҳо аҳолии Осиёи Миёна ба муқобили истилокорон сар бардошта, бо матонати тамом муқобилати мусаллаҳона карданд.

Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки вазъият ҳар гоҳ вобаста ба замону макон тағйир меёфт. Кӯшишҳои нахустини арабҳоро «нарм кардан» ва ба василаи андозу хироҷ аз дасти онҳо халос шудан ба қиёми мусаллаҳона мубаддал мегардид. Тазйиқи арабҳо торафт зиёдтар мешуд, сиёсати табақаи феодалшудаи хилофат тағйир ёфта, баробари мустаҳкам шудани давлати бузурги ба тараққӣ рӯниҳода нисбат ба халқҳои мутеъ боз ҳам золимонатар мегардид. Дар ин сурат маҳалҳои нисбатан ба осонӣ забткардаи арабҳо ҳам ба шӯр омада, бо кумаки иттифоқчиёни шарқии худ, алалхусус, туркҳо ба истилогарон муқовимати сахт нишон медоданд. Мухтасаран чунин буд шароити таърихии Осиёи Миёна дар асрҳои VII–VIII.

Протсессҳои этногенӣ, забонӣ ва мадании кишварҳои дохили хилофат ниҳоятдараҷа мураккаб ва пурихтилоф буданд. Дар Шарқи Наздик ва Африқои шимолӣ аксари қавму нажодҳо «арабонида» мешуданд. Дар ҳамон ноҳияҳо ҳам, ки аҳолӣ забони модарии худро нигоҳ медошт, зӯран дини исломро ҷорӣ карда, баробари он забони арабиро низ чун забони муқаддас паҳн менамуданд, зеро Қуръон ва дигар адабиёти динияро фақат онҳое хонда метавонистанд, ки ин забонро медонистанд. Забони арабӣ ҳамон мавқеero, ки забони лотинӣ дар Аврупои ғарбии асримиёнагӣ дошт, дар дохили хилофат соҳиб гардида, дар байни халқҳои гуногун эътибори забони умумии илмиро пайдо мекунад (фақат баъдҳо адабиёти илмӣ дубора ба забонҳои маҳаллӣ инкишоф меёбад). Маданияти халқҳои хилофат ё худ чи навъе ки баъзан истилоҳи нодурустеро ба кор бурда, маданияти мусулмонӣ мегӯянд (маданияти араб – тамоман нодуруст), натиҷаи синтези комёбиҳои эҷодии бисёр халқҳо, аз ҷумла, халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Ҷаҳонбинии ягонаи динӣ ва забони (лоақал дар марҳилаҳои аввал) умумӣ, алоқаи наздик ва муттасили ин халқҳо бисёр ҷиҳатҳои махсуси ин маданиятро ба миён овард. Вале бори дигар таъкид мекунем: ҳар як халқи ба ҳайати хилофат дохилшуда дорои маданияти ба худ хос, инчунин махсусиятҳое мебошад, ки бо таъсири анъанаҳои маданӣ ва омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам омада, алалхусус, аз охири асри IX–X тадриҷан ба ҷудошавии (дезинтегратсияи) маданӣ оварда мерасонад.

Маданияти халқҳои хилофат дар асрҳои IX–XII аз маданияти ҳамзамони аврупоӣ чандин мартаба баландтар буд. Бузургтарин хизмати таърихии халқ-ҳое, ки ба ҳайати хилофат дохил буданд, бисёр суннатҳои қадима, хусусан, анъанаҳои улуми табиат ва фалсафаро, ки донишмандони хилофат ба таври эҷодӣ аз нав кор карда мебаромаданд, барои тамоми инсоният «интиқол» намудан аст. Меҳнат ва фаъолияти ин донишмандон барои шинос шудани аврупоиҳо бо комёбиҳои мардуми шарқ мусоидат карданд. Осори илмии донишмандони Осиёи Миёна, аз қабили Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва бисёр дигарон ба ганҷинаи илму маданияти на фақат хилофат, балки тамоми инсоният саҳми пурарзише гардиданд. Таълифоти оид ба тиб, рисолаҳои

ҳисоб, ҷадвалҳои нуҷум ва тарҷумаҳои арабӣ аз забонҳои гуногун ба мамолики Ғарб роҳ ёфта, муддати асрҳо вазифаи дастури муътабареро адо мекарданд. Роли Шарқ дар инкишофи адабиёти Аврупои ғарбӣ низ хеле калон аст, ҳатто тахмин мекунанд, ки қофия ва назми румӣ аз шеъри араб гузаштааст.[56]

Инак, аз нуқтаи назари пешомади таърихӣ, ба хилофат ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна оқибат ба суръат ёфтани тараққиёти феодализм, консолидатсияи қавмҳои Осиёи Миёна, кам шудани парокандагӣ ва пайдоиши давлатҳои марказиятнок мусоидат намуд ва дар ин замина минбаъд давлатҳои маҳаллии Осиёи Миёна ва Эрон ба вуҷуд омаданд; илова бар ин, вай ҳарчанд аввал ба иқтисодиёт ва маданияти маҳаллӣ зарарҳои калон расонда бошад ҳам, баъдҳо ба равнақи васеи равобити байни халқҳои гуногун боис гардид, ки ба тавассути он синтези бузурги маданни Осиёи Миёна ва тамоми Шарқи Наздики асрҳои IX–XI ба вуқӯъ пайваст.

## 5. РОЛИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МУБОРИЗАИ БАЙНИ УМАВИҲО ВА АББОСИЁН

### Гурӯҳҳои мухолиф дар хилофат

Рӯҳияи душманона нисбат ба ҳокимияти хилофат на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар дигар кишварҳои таҳти тасарруфи арабҳо низ хеле пурқувват буд. Усули идораи халифаҳои араб на фақат норизоияти оммаи меҳнаткашро ба вуҷуд меовард, дар айни замон, ба ашрофи заминдори маҳаллӣ ҳам намефорид. Зеро ашрофи маҳаллӣ тақрибан ба куллӣ аз ҳуқуқи сиёсӣ маҳрум гардида буданд ва дар натиҷаи ба нафъи халифа ва аъёни қабилавии араб равона шудани тамоми молиёт ва андозҳои барзгарон ба оидоти онҳо хеле зарар мерасид.

Сиёсати пешгирифтаи халифаҳои Банӣ Умавия на фақат ба халқҳои мутеъ, балки инчунин ба худи оммаи арабҳо хуш намеомад. Ин ҳолат бо протсесси ба синфҳо ҷудошавии қабилаҳои араб, вайроншавии алоқаҳои авлодӣ ва афзудани нобаробарии мулкӣ, ки дар ҳамин вақт ба вуқӯъ мепайваст, вобаста буд. Дар сари ҳокимият нишастани Умавиҳоро ду гурӯҳи асосӣ ғайриқонунӣ медонистанд.

Гурӯҳи аввал хориҷиҳо буданд. Ин гурӯҳ намояндагони ҳамон табақаҳоеро дар бар мегирифт, ки аз баланд шудани мартабаи аъёну ашрофи араб норозӣ буда, бар зидди усули ба мерос бурдани тахти хилофат баромад мекарданд ва чунин қоидаро пешниҳод менамуданд: «Нест халифае, ки берун аз хости Худо ва майли халқ бошад». Онҳо чунин ҳисоб мекарданд, ки халифаи аз тарафи ҷамоат интихобшуда мумкин аст дар сурати бад идора карданаш аз тарафи ҳамон ҷамоат назл карда шавад; бояд дар дохили ҷамоати мусулмон баробарии комил ҳукмфармо бошад. Аз ҳамин сабаб ҳам баъдҳо таваҷҷуҳи доираҳои васеи аҳолии аслан ғайриараб, хусусан барзгарон ба тарафи ин гурӯҳ кашида шуд.

[56] Массэ А., 1962; Мец А., 1966; Филштинский И. И., Шидфар Б. Я., 1971.

Гурӯҳи дигар тарафдорони Алӣ (шиаҳо) буданд.[57] Дар аввалҳо ин гурӯҳ манфиатҳои баъзе болонишинони хонадонҳои қадимаи маккавӣ ва мадинавиро, ки усули меросӣ будани тахти хилофатро эътироф карда, дар айни замон, фақат авлоди Алиро (амакзода ва домоди Муҳаммад, шавҳари Фотима) ворисони ҳақиқӣ медонистанд, ифода менамуд. Алӣ ва писари кӯчаки ӯ Ҳусайн, ки дар вақти задухӯрдҳои дохилӣ кушта шуда буданд, бо ҳолаи азиятдидагони муқаддас иҳота шуда, ливои муборизаи зидди Умавиҳо гардиданд. Дар оянда мазҳаби шиа ва парастиши Алӣ ба байрақи чандин ҷараёнҳои мухолифатварзандаи дохили ислом табдил ёфт. Мазҳаби шиа аз оғози ба вуҷуд омадани худ, хусусан, дар миёнаи болонишинони ҷамоаи халқҳои мутеи хилофат, ки онро ҳамчун василаи суст шудани фишори аҷнабиён мепиндоштанд, тарафдорони зиёде пайдо намуд[58].

Ғайр аз ин, тақрибан аз соли 718 сар карда, авлоди Аббос (амаки Муҳаммад) бар зидди ҳукмронии Умавиҳо ба таври пинҳонӣ таблиғоти ҷиддӣ бурданд. Аббосиён даъво мекарданд, ки ҳаққи хилофат аз они Банӣ Ҳошим, яъне хонадони Пайғамбар аст. Аммо кӣ бояд аз ин хонавода ба тахти хилофат нишинад, дар ин бора одатан чизе ошкоро намегуфтанд. Аз ин сабаб онҳо ба шиаҳо, ки гумон доштанд Аббосиён ба нафъи онон амал мекунанд, муттаҳид шуданд.

Норизоияти умумӣ нисбат ба сиёсати Умавиҳо махсусан дар солҳои чилуми асри VIII, яъне дар овони хилофати Марвони II (744–750) ниҳоятдараҷа қувват гирифт, ки ба ин афзудани хироҷ ва дар бинокориҳои бузург беш аз пеш иҷборан истифода шудани қувваи аҳолии маҳаллӣ боис гардида буд.

Халифаи Марвон ин вазъиятро ба хубӣ ҳис карда, барои таъмини бехатарии ҳокимияти Умавиҳо як қатор тадбирот пешбинӣ намуд: аввалан, ӯ тамоми аъзои хонаводаи Умавияро аз Димишқ ба шаҳри Ҳаррон (пойтахти нави хилофат) кӯчонид; сониян, вай фармон дод, ки ғайр аз шаҳри Антиохия, ки чун маркази аз румиҳо мудофиа кардани хилофат ба шумор мерафт, тамоми қалъа ва деворҳои атрофи шаҳрҳоро вайрон кунанд, то аҳолии маҳаллӣ аз ин истеҳкомот ба муқобили ҳукумати Банӣ Умавия истифода набаранд. Вале дигар ҳеҷ як тадбире пеши ҳаракати пурэътирозро гирифта наметавонист. Норизоияти умумӣ ба дараҷае вусъат ёфта буд, ки ҳатто аввалин бор дар таърихи хилофат аскарони хосаи дарбори халифа исён бардоштанд.

Яке аз шахсони соҳибнуфузи хонадони Аббосиён – Имом Иброҳим ибни Муҳаммад дар охирҳои давраи ҳукмронии Умавиён роҳбарӣ кардани корҳои таблиғотиро ба дасти худ гирифта, ба тамоми гӯшаву канори хилофат, махсусан, ба музофотҳои шарқӣ воизони махфӣ фиристод ва тарғиботи зидди Умавиҳоро хеле пурқувват намуд.

Аббосиён изҳор медоштанд, ки тамоми бадбахтиҳои аз рӯзи пайдо шудани ислом, яъне дар муддати ин сад сол ба сари мусулмонон омада аз тарафи халифаҳои Банӣ Умавия сар задааст. Онҳо ба халқ ваъда медоданд, ки дар сурати сарнагун шудани ҳукмронии Умавиҳо хироҷ ва соири молиётҳоро кам хоҳанд кард, дар бинокориҳо ба тарзи маҷбурӣ кор фармудани барзгаронро

[57] Пайравони мазҳаби шиа.
[58] Петрушевский И.П., 1966, с. 38-57.

барҳам хоҳанд дод, ба аҳолии маҳаллӣ ҳуқуқи сиёсӣ бахшида, онҳоро низ ба умури давлатии хилофат ҷалб хоҳанд намуд.

Албатта, ин ҳама ваъдаҳо, ғайр аз фиреб додани халқ чизи дигаре набуд. Аббосиён ба ин восита фақат мехостанд, ки дар низоъҳои сулолавӣ бар алайҳи Умавиҳо оммаро ба тарафи худ кашида, муборизаро ба манфиати худ ташкил намоянд. Лекин он чӣ дар бораи манфиатҳои аслии оммаи васеъ бошад, Аббосиён ва воизони онҳо, ба мисли Умавиҳо, хеле кам фикр мекарданд.

Аббосиён дар муборизаи худ бар зидди Умавиҳо бештар ба ашрофи заминдори Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки умедвор буданд дар сурати муваффақият пайдо кардани табаддулоти Аббосиён ба идора кардани мамлакат роҳ хоҳанд ёфт, такя менамуданд. Воизони махфии Аббосиён ҳанӯз дар вақти хилофати Ҳишом (724–743) дар Хуросон пайдо шуда буданд. Сарчашмаҳои таърихӣ чунин гувоҳӣ медиҳанд, ки дар вақти қоиммақоми Хуросон будани Асад ибни Абдуллоҳ (735–738) якчанд намояндагони Аббосиёнро дастгир карда, дасту пои онҳоро буридаанд. Дигар аз қоиммақомҳои Хуросон, ки ба муқобили шиаҳо ва Аббосиён бештар ва қатъитар мубориза бурдааст, ҳамон Наср ибни Сайёр (738–748) мебошад.[59]

Дар нимаи дувуми солҳои 40-уми асри VIII вазифаи сардорӣ намудани муборизаи зидди хилофати Умавиҳоро Абӯмуслим, ки мубтакири табаддулоти Аббосиён буда, баъдҳо шуҳрати зиёде пайдо намуд, ба зиммаи худ гирифт.

## Неҳзати Абӯмуслим

Абӯмуслим аслан аз оилаи барзгар баромада, бар тибқи баъзе маълумот, дар аввалҳо ғулом будааст. Абӯмуслим дар наздикии бузургтарин шаҳри Хуросон – Марв қароргоҳи худро таъйин намуда, ҳамчун «як шахси боэътимоди хонаводаи Пайғамбар» барои сафарбар кардани аҳли шиа ва дигар одамони норозӣ бо тамоми ҷиддият кор мебурд. Ин унвони боэътимодро ба Абӯмуслим Аббосиён дода буданд, зеро амалиёти таблиғотии ӯ ба манфиати онҳо равона шуда буд. Вақте ки замина ҳозир шуд, 9 июли соли 747 Абӯмуслим байрақи сиёҳро, ки аз они Аббосиён буд, барафрошта, халқро ба муборизаи ошкоро даъват намуд.

Даъвати Абӯмуслим дар байни ҳам арабҳо ва ҳам халқҳои мутеи хилофат муваффақияти калоне пайдо кард. Муаллифи арабизабон Абӯҳанифаи Диноварӣ чӣ навъ афзудани қувваҳои аскари Абӯмуслимро ба ин тариқа фасеҳ тасвир менамояд: «Мардуми Ҳирот, Фушанҷ, Марворрӯд, Толиқон, Марв, Нисо, Абевард, Тӯс, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш ва Насаф бо аҷала ба назди Абӯмуслим ҳаракат мекарданд. Ҳамаи онҳо ба аломати ҳамраъйӣ либоси худро ранги сиёҳ заданд, инчунин нимаи гурзҳои чӯбиашонро сиёҳ карданд... Ин мардум савори аспу хар ва ё пиёда харҳои худро пеш давонида ва ба онҳо «Харро Марвон!» – гӯён фарёд зада, яъне халифаи Марвон ибни Муҳаммадро тамасхуркунон ба хар нисбат дода, ба ин ҷониб меомаданд ва иддаи онҳо 100 000 нафар буд».[60] Даста-даста арабҳои Яман, ки шӯриши онҳо чанде пеш фурӯ нишонда шуда буд, дар таҳти байрақи

---

[59] Бартолд В.В., 1963 б, с. 246-250.
[60] Диноварӣ, 1888, с. 359-360.

Абӯмуслим гирд меомаданд. Ҳатто ғуломон, ки аз ин неҳзат ба сабук шудани ҳолати табоҳи худ умедвор буданд, ба қувваи ҳарбии ӯ ҳамроҳ мешуданд.

Қоиммақоми Хуросон – Наср ибни Сайёр, ки тамоми бори вазнини муборизаи зидди Абӯмуслим ба зиммаи ӯ афтода буд, дар бобати муттаҳид кардани арабҳо ба муқобили ин неҳзат хеле кӯшишҳои бефоида ба харҷ дод. Аъёну ашрофи тоифаҳои ҷудогонаи араб, ки пай дар пай барои ҳокимият мубориза мебурданд, дар ин вақт ба ҷаҳду талоши худ бештар вусъат дода буданд. Дар дохили қабилаҳои араб протсесси тақсимоти синфӣ босуръат ба амал омада, бисёрии арабҳо, алалхусус онҳое, ки аз табақаҳои фақир буданд, ба таҳти байрақи Абӯмуслим қарор мегирифтанд.

Дар аввали соли 748 Наср ибни Сайёр маҷбур шуд, ки пойтахти Хуросон шаҳри Марвро ба қиёмкунандагон гузошта, тарафи Нишопур ақиб нишинад. Лекин яке аз сарлашкарони Абӯмуслим, ки таъқиб кардани Наср ибни Сайёрро уҳдадор шуда буд, дар наздикии Нишопур ба қувваи ҳарбии ӯ зарбаи ҳалокатовар расонид ва гуфтан мумкин аст, ки ҳатто худи ҳамин муҳориба ғалабаи асосии шӯришро таъмин намуда, тақдири хилофати Умавиҳоро ҳал кард. Агарчанде халифаи Марвон тамоми қувваи дар ихтиёраш бударо ба кор дароварда, шӯришчиёнро шикаст дод ва Имом Иброҳими Аббосро дар пеши назари умум ба қатл расонид, лекин ин ҳам хилофати Умавиҳоро аз сукут наҷот дода натавонист. Шӯришчиён дар Ироқ ба қӯшунҳои ӯ якчанд зарбаи сахт дода, бузургтарин маркази хилофат – шаҳри Димишқро ишғол намуданд.

Ба ҳамин тариқ, он лашкаре, ки Абӯмуслим дар вилоятҳои шарқии хилофат асосан аз аҳолии Осиёи Миёна ва аз арабҳои мухолифи сиёсати Умавиҳо ташкил дода буд, дар соли 750 қувваҳои ҳарбии охирин намояндаи хонадони Умавияро торумор карда, хилофати ин силсиларо аз миён бардошт.

Ба сари ҳокимият Аббосиён омаданд. Лекин Аббосиён, чунонки интизор мерафт, дар бораи оммаи асосии шӯришчиён, ки бо ташаббус ва фаъолияти онҳо ба тахти хилофат соҳиб шуда буданд, чизе фикр накарданд. Ваъдаҳои ба халқ додаи онҳо иҷро нагардид, Абӯмуслим ҳам, ки қоиммақоми Хуросон таъйин шуда буд, дар ин бора хомӯш монд.

Вақте ки суғдиён дар бораи вафо кардан ба аҳди худ, ҳатто ният надоштани Аббосиён ва Абӯмуслимро яқинан донистанд, дар Бухоро бо сардории Шарик ибни Шайх шӯриш намуданд. Абӯмуслим ба муқобили шӯришчиён қӯшуни даҳҳазора фиристод. Аммо шӯриш то дараҷае пурқувват буд, ки фақат бо кумаки бухорхудот Қутайба ибни Туғшода, ки ба муқобили аҳолии заҳматкаши Бухоро лашкари бо нафароти қӯшуни фиристодаи Абӯмуслим баробар бударо равона сохт, фурӯ нишондани он имконпазир гардид.

Абӯмуслим дар мубориза бар зидди императори Хитой, ки аз ҷангҳои дохили хилофат истифода намуда, хост ҳукмронии худро дар Осиёи Миёна барқарор кунад, низ ҳамчун ҳомии ғаюри хилофати Аббосиён фаъолият нишон дод. Дар соли 751 дар муҳорибаи шадиде, ки дар соҳили наҳри Талас, наздикии шаҳри кунунии Ҷамбул рух дод, қӯшуни арабҳо бо сардории яке аз сарлашкарони Абӯмуслим ба торумор намудани лашкари императори Хитой муваффақ гардид.

Бо вуҷуди он ки Абӯмуслим чи бо душманони хориҷӣ ва чи бо ҷунбишҳои дохилии зидди Аббосиён мубориза бурда, онҳоро самимона тарафдорӣ мекард, Аббосиён ба вай он қадар бовар надоштанд ва хавф мебурданд, ки ӯ рӯзе ба тахти хилофат даъво хоҳад кард. Ин хавф ба дараҷае расид, ки дар соли 755 халифа Абӯҷаъфар ал-Мансур (754-775) Абӯмуслимро ба ҳузури худ талабида, ӯро дар қасри худ аҳдшиканона қатл намуд.[61]

## Шӯриши Сумбоди Муғ ва неҳзати Муқаннаъ

Дар замони хилофати Аббосиён аҳволи оммаи васеи халқ на танҳо беҳтар нашуд, балки назар ба давраи Умавиҳо боз бадтар гардид. Оидоти замини иҷора бештар ба шакли молӣ буд. Аз заминҳои лалмӣ нисфи ҳосил ва аз заминҳои обёришаванда аз чаҳоряк то сеяки он ситонида мешуд. Баъзан аз рост наомадани тақвими қамарии мусулмонон бо тақвими шамсии зироат истифода намуда, дар як сол ду мартаба хироҷ мегирифтанд. Бар замми ин дар вақти хироҷғундорӣ корандагони заминро фиреб медоданд ва бо роҳи таҳдид ҳарчи зиёдтар молиёт меситониданд.

Дар натиҷаи қувват гирифтани протсесси инкишофи муносиботи феодалӣ, замин, ки исман моликияти халифа ҳисоб ёфта, вале амалан ҳиссаи умдаи он дар дасти ашрофи заминдори маҳаллӣ буд, ба қитъаҳои хурд ҷудо карда, ба тариқи иҷора ба барзгарони бечора дода шуд. Ба ин васила аҳли озоди ҷамоат соҳибихтиёрии худро аз даст дода, дар қатори кадиварҳои мадюн, ғуломони озодшуда ва ё ғуломони ба заминҳо ҷо додашуда ба ашхоси вобаста мубаддал гардиданд.

Халифаҳои аббосӣ анъанаҳои Сосониёнро давом дода, ба ҳашамат ва дабдабаи дарбори онҳо низ тақлид мекарданд. Аъён ва ашрофи маҳаллӣ ҳам дар ин бобат ба онҳо пайравӣ менамуданд. Ин буд, ки бинокорӣ хеле авҷ гирифта, бисёр қасрҳо, қалъаҳо ва ғ. сохта шуданд. Ҳамаи хароҷоти ин бинокориҳо ба зиммаи барзгарон буд. Аҳволи пешаварони шаҳр низ беҳтар аз ин набуд. Онҳо мавриди истисмори нимфеодалӣ қарор гирифта, дар натиҷаи молиёти зиёд ва худсариҳои маъмурон тамоман муфлис гардида буданд. Молиёти ҷинсӣ, инчунин ба дӯши туркҳои бодиянишин ҳам бори гароне шуда, онҳоро ба паршикастагӣ дучор мекарданд.

Ҳамаи инҳо боиси афзудани эътироз ва иғтишоши халқ мегардид. Яке аз бузургтарин шӯришҳо дар он замон – шӯриши Сумбоди Муғ буд. Сумбод аз пайравони наздики Абӯмуслим ҳисоб мешуд. Вай дар соли 755 бо шиори «барои хуни Абӯмуслим бояд қасос гирем» сар бардошта, ба атрофи худ аз ҳар табақа тарафдорони бисёре ҷамъ карда тавонист. Инчунин гурӯҳҳои зардуштиён ва хуррамиҳо[62] (пайравони таълимоти Маздак) ба ӯ ҳамроҳ шуданд. «Одамони сурхалам» [63], яъне ононе, ки дар таҳти байрақи сурх гирд омада буданд, низ номи хуррамиҳоро доштанд. Шӯриш ноҳияҳои бузург, аз

---

[61] Бартолд В.В., 1963 б, с. 252–255; Якубовский А.Ю., 1954 а, с. 19-26, Moscoati S. 1949–1950; Spuler B., 1952, s. 34–50.

[62] Бо номи зани Маздак Хуррама, ки тибқи ривояте дар вақти қатли оми маздакияҳо саломат монда, таблиғоти ғояҳои маздакиро давом додааст.

[63] Истилоҳи арабию форсӣ, айнан «сурхбайрақ».

ҷумла Хуросон ва Табаристонро фаро гирифт. Аббосиён ин шӯришро фақат бо машаққати зиёде хобониданд. Сумбод шикаст хӯрда, дар Рай қатл гардид ва зану фарзандони ӯ ба ғуломӣ фурӯхта шуданд. Пас аз мағлубияти Сумбод пайравони ӯ аз тариқати муслимия ба таври пинҳонӣ фаъолияти худро давом медоданд. Онҳо ваъз мекарданд, ки Абӯмуслим боз хоҳад омад, то «дар ҷаҳон одилона ҳукмронӣ кунад».

Ҳанӯз қӯшуни арабҳо шӯриши Сумбодро тамоман фурӯ нанишонда, дар гирду атрофи Ҳирот шӯриши дигар ба вуҷуд омад, ки ба он «Устод Сис» ном шахсе роҳбарӣ менамуд. Ба ин шӯриш ҳазорҳо кас иштирок карда буданд.

Беш аз пеш ба қашшоқӣ ва хонавайронӣ дучор гардидани аҳолии заҳматкаш ва рӯидани ҳисси танаффури онон нисбат ба золимони худ дар аҳди халифа Маҳдӣ (775–785) ҷунбиши бузурги халқиро бар зидди Аббосиён ба вуҷуд овард, ки дар солҳои 70-уми асри VIII тамоми Мовароуннаҳрро фаро гирифта буд.

Дар сари ин шӯриш Муқаннаъ[64] меистод. Муқаннаъ аслан аз Марв буда, ба пешаварӣ машғулият дошт. Баъзе сарчашмаҳои таърихӣ[65] хабар медиҳанд, ки ӯ яке аз сарлашкарони Абӯмуслим буд ва дар неҳзати зидди хилофати Умавиҳо иштирок дошт. Ӯ шахси соҳибмаърифате буд. Чунин фикр беасос нест, ки дар вай ғояи маздакиён таъсири хеле калоне дошт ва ӯ ин ғояро таблиғ мекард. Қоиммақоми арабҳо аз таблиғоти Муқаннаъ воқиф гардида, ӯро дастгир намуд ва ҳамчун як марди ҷинояткори гузарои давлатӣ барои муҳокима ба маркази хилофат – шаҳри Бағдод фиристод. Лекин Муқаннаъ аз зиндони Бағдод фирор карда, худро ба Марв расонид. Дар ин ҷо тарафдорони худро ҷамъ намуда, дар соли 776 онҳоро барои даъват намудани аҳолӣ ба муборизаи зидди зулму асорати аҷнабиён ба тамоми ноҳияҳои Осиёи Миёна равона кард. Ин тарғибот махсусан дар Насаф ва Кеш, ки дар ин ҷоҳо бештар суғдиён иқомат мекарданд, муваффақияти калоне пайдо кард.

Маъмурони халифа боз аз паси дастгир кардани Муқаннаъ афтоданд. Онҳо дар соҳили дарёи Аму як дастаи пуршумори савораҳои мусаллаҳро гузоштанд, то рӯзу шаб назорат карда, нагузоранд, ки Муқаннаъ аз Марв ба Суғд равад. Ин, албатта, бесабаб набуд. Зеро дар Суғд тарафдорони ӯ рӯз аз рӯз зиёд мешуданд. Ҳокимони маҳаллӣ ба хубӣ медонистанд, ки агар Муқаннаъ ба Мовароуннаҳр роҳ ёбад, вазъияти онҳо фавқулода душвор хоҳад шуд. Бо вуҷуди он ҳама мамониатҳо Муқаннаъ бо ҳамроҳии даҳҳо тарафдорони худ аз дарёи Аму гузашта, ба Суғд паноҳ бурд.

Дар ин вақт, чи навъе ки Наршахӣ мегӯяд: «андар Суғд ағлаб деҳаҳо ба дини Муқаннаъ даромаданд ва аз деҳаҳои Бухоро бисёр кофир шуданд ва куфр ошкоро карданд ва ин фитна азим шуд ва бало бар мусулмонон сахт шуд».[66]

---

[64] Муқаннаъ – калимаи арабист ва маънояш «чодарпӯш» мебошад. Ин лақаб ба ҳамин муносибат ба ӯ дода шуда буд, ки гӯё ба рӯяш чодари сабз пӯшида мегаштааст. Номи ҳақиқии ӯ Ҳошим ибни Ҳаким буд.

[65] Барои тафсили он ниг.: Айнӣ С., 1944; Якубовский А.Ю., 1948; Қодирова Т.,1965, с. 117–132; Болшаков О.Г., 1976; аз ҷумлаи олимони хориҷа Sadighi D.N., 1938, p. 165–186. Маъхазҳо дар бораи ҳам рафти ин шӯриш ва ҳам санаи он маълумоти ниҳоят пурмухолифат ва баъзан номаълуму маҷҳул медиҳанд.

[66] Наршахӣ, с. 79.

Наршахӣ дар бораи неҳзати Муқаннаъ сухан ронда, нисбат ба пешвои шӯриш назари душманона доштани худро рӯйрост қайд кардааст. Ин тариқа рафтор намудан нисбат ба Муқаннаъ барои ҳамаи муаррихони феодалӣ хос мебошад.

Сабаби асосии мавриди эътирофи омма қарор гирифтани таълимоти Муқаннаъ дар ин буд, ки ин таълимот бартараф намудани нобаробарии молӣ ва мулкиро талаб карда, бар зидди ҳукмронии истилокорони араб нигаронида шуда буд.

Дере нагузашт, ки ҷунбиши Муқаннаъ ба як шӯриши бузурги ошкоро мубаддал гардида, дар муддати кӯтоҳе тамоми Мовароуннаҳрро фаро гирифт. Ситоди (штаби) шӯришчиён дар деҳаи Наршах, наздикии Бухоро, воқеъ шуда буд. Ҳокими Бухоро Ҳусайн ибни Муоз тамоми қувваи ҳарбии худро, ки асосан аз арабҳо иборат буд, ҷамъ карда, бо ҳамроҳии дастаҳои аъёну ашрофи Бухоро ба муқобили шӯришчиён ҳаракат намуд. Дар моҳи апрели соли 776 дар назди девори деҳаи Наршах байни қӯшуни арабҳо ва тарафдорони Муқаннаъ муҳорибаи шадиде ба миён омад. Шӯришиён шикаст хӯрда, 700 нафар аз пайравони Муқаннаъ сари худро дар роҳи талаби озодихоҳӣ қурбон карданд. Лекин ғалабаи арабҳо вазъиятро ба таври асосӣ тағйир дода натавонист. Ба зудӣ шӯриш боз бо қувваи тоза сар зада, қиёмкунандагон мавзеъҳои атрофи Бухороро ба таҳти тасарруфи худ даровarданд.

Халифа Маҳдӣ чун дид, ки шӯриш торафт вусъат пайдо мекунад, барои пурқувват кардани мубориза зидди неҳзати Муқаннаъ дар як сурати таъҷилӣ аз Бағдод ба Нишопур омад ва ба амири Хуросон фармон дод, ки барои кумаки ҳокими Бухоро фавран қувваи иловагӣ фиристонад.

Сардори қӯшуни имдодии аз Хуросон фиристодаи арабҳо Ҷабраил ибни Яҳё муддати дурудароз Наршахро дар ҳолати муҳосира нигоҳ дошт, вале аз ин натиҷае ҳосил нашуд. Шӯришчиён бо ҳамлаҳои пай дар пайи худ қувваи ҳарбии Ҷабраилро чунон заиф карданд, ки ӯ дигар бидуни қувваи иловагӣ ҷангро давом дода натавонист. Дар ҳамин вақт қӯшуни ҳафтҳазорнафараи халифа аз Балх расида омада бошад ҳам, вале сардорони он муваффақиятҳои шӯришчиёнро дида, ҳатто барои дохил шудан ба муҳориба ҷуръат накарданд. Ниҳоят, қувваи эҳтиётии амири Хуросон, ки мебоист нафароти қӯшуни ба Мовароуннаҳр фиристодаи халифаро ду баробар меафзуд, ба имдод омад. Аммо ин ҳам самарае набахшид – шӯришчиён ин қувваи ҳарбии арабҳоро ҳанӯз дар роҳи Мовароуннаҳр ба куллӣ торумор намуданд. Вазъияти Ҷабраил ибни Яҳё ниҳоятдараҷа пурхатар гардид. Роҳи алоқаи ӯ аз Балх ва Марв бурида шуда буд. Ҷабраил тамоми қувва ва техникаи ҳарбии дар ихтиёри худ доштаашро ба гирифтани истеҳкоми Наршах, ки дар ин ҷо қувваи асосии шӯришиён ҷамъ шуда буд, равона кард. Қӯшуни арабҳо чор моҳ беҳуда Наршахро муҳосира намуд. Дар охир ҳар ду тараф, ки аз задухӯрдҳои муттасил хеле хаста шуда буданд, барои сулҳ кардан дохили музокирот гардиданд.

Сардорони қӯшуни арабҳо дар вақти бастани муоҳидаи сулҳ яке аз роҳбарони шӯришро хиёнаткорона куштанд. Онҳо умедвор буданд, ки ба ин восита шӯришро бесар карда, мақсадро ба даст хоҳанд овард. Вале ин кори

онҳо натиҷаи акс дод. Кушта шудани як нафар аз роҳбарони шӯриш муқовимати шӯришиёнро чандин баробар зиёд кард.

Сарчашмаҳои таърихии араб тасдиқ мекунанд, ки охируламр шӯришиёни Наршах мағлуб шуданд, лекин, дар айни замон, шӯриш беш аз пеш вусъат ёфта, ноҳияҳои тозаи Осиёи Миёнаро фаро мегирифт. Ин оғози марҳалаи дувуми мубориза буд.

Агар дар марҳалаи аввал баъзе гурӯҳҳои ашрофияи Суғд аз неҳзати Муқаннаъ пуштибонӣ карда бошанд, пас дар марҳалаи дувум онҳо аз тарси вусъати ҷунбиши халқ комилан ба тарафи хилофат гузаштанд. Аммо табақаҳои васеи барзгари Суғд торафт бештар ба сафи мубориզон дохил мешуданд.

«Сафедҷомагон» (пайравони Муқаннаъ) соҳибони Мовароуннаҳр мегардиданд ва «бӯстони амиралмӯъминин» (Хуросон ва Мовароуннаҳрро бо ин ном ёд мекарданд) ба як мамлакати аз хилофати араб мустақил табдил меёфт.

Халифа Маҳдӣ қоиммақоми Хуросонро ба ноуҳдабароӣ айбдор намуда, маъзул кард ва ба ҷойи ӯ Муоз ибни Муслимро ба сари ҳокимият овард. Муоз ибни Муслим дар соли 778 дар навоҳии байни Бухоро ва Марв қӯшуни зиёде ҷамъ намуда, ба кумаки қӯшуни арабҳо, ки дар назди Самарқанд аз дасти шӯришиён ба аҳволи басе душвор афтода буд, равон шуд. Лекин ин лашкаркашии Муоз ибни Муслим низ, бо вуҷуди он ки аз тарафи ашрофи маҳаллӣ хеле ҳимоят медид, бо шикасти нангин анҷом ёфт. Шӯришиён дар дашти назди Пайканд ба лашкари Муоз рӯ ба рӯ шуда, ба он чанд зарбаи сахт ворид оварданд. Дар натиҷаи ин Муоз ибни Муслим ҳаракати худро ба Самарқанд давом дода натавониста, ба тарафи Бухоро майл намуд.

Фақат дар соли оянда ба қӯшунҳои халифа муяссар гардид, ки Самарқандро забт намоянд. Бо ҳамин марҳалаи севум ва охирини мубориза сар шуд.

Дар ин вақт қувваҳои асосии шӯришиён дар қалъаи кӯҳии Санам, наздикии Кеш, ҷамъ омада буданд. Муоз ин қалъаро муҳосира намуд, вале ба зудӣ маҷбур шуд, ки аз муҳосира даст кашад. Муаррихони араб тасдиқ мекунанд, ки сабаби аз муҳосира даст кашидани Муоз расидани фасли зимистон буд. Лекин сабаби асосии ин шояд ба зарбаи сахти дастаҳои Муқаннаъ дучор гардидани ӯ бошад. Ба зудӣ пас аз ин воқеа аз мансаби қоиммақоми Хуросон дур карда шудани ӯ ва аз тарафи халифа таъйин гардидани шахси дигар ин фикрро собит менамояд.

Чунонки Наршахӣ мегӯяд, Муоз ибни Муслим ду соли тамом бар зидди Муқаннаъ мубориза бурд. Волии нави Хуросон Мусайяб ибни Зуҳайр ҳам аз ҷиҳати лавозимоти ҷанг пурра таъмин будан ва ҳам хеле зиёдтар аскар доштани худро истифода бурда, ба туфайли ҳамин афзалияти калони худ баъди задухӯрдҳои хунини дурудароз тавонист муқобилати оммаи халқро, ки ба он Муқаннаъ роҳбарӣ мекард, бартараф намояд. Тобистони соли 780 қӯшуни арабҳо қалъаеро, ки Муқаннаъ дар он ҷо иқомат менамуд, забт карданд ва аз мудофиакунандагони қалъа ҳар касе, ки ба дасташон афтод, ба қатл расониданд. Аммо худи Муқаннаъ таслим шудан нахоста, худро ба қатл

расонид. Пас аз марги ӯ низ дар зарфи чандин сол шӯришҳои ҷудогонаи «сафедҷомагон» дар маҳалҳои мухталифи Осиёи Миёна ба амал меомаданд.

Дар он солҳое, ки мардуми Мовароуннаҳр дар роҳи истиқлолияти худ мубориза мебурданд, хилофати араб аз пуриқтидортарин давлатҳои он замон ҳисоб мешуд. Муборизае, ки аҳолии ин сарзамин дар таҳти байрақи Муқаннаъ солҳои бисёр бо чунин як давлати муқтадир бурданд, дар бораи диловарӣ ва озодидӯстии халқҳои Осиёи Миёна боз як мисоли дурахшон аст.

Чунонки мудовимат ва мутошаккилии ин мубориза нишон медиҳад, Муқаннаъ роҳбари хеле боистеъдоди ҳарбӣ ва сиёсӣ буд, ки халқро ба ҷанги зидди истилокорони аҷнабӣ ва золимони маҳаллӣ ташвиқ ва рӯҳбаланд мекард.

Дар хотима ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки шӯришҳои халқии давраи хилофати Аббосиён аз шӯришҳои замони ҳукмронии Умавиҳо фарқи калоне доштанд. Шӯришҳои халқӣ дар давраи Умавиҳо асосан бар зидди ҳукмронии аҷнабиён равона шуда, ба ин шӯришҳо одатан аъён ва ашрофи маҳаллӣ сардорӣ мекард. Аммо дар давраи хилофати Аббосиён мо тамоман як вазъияти дигареро мушоҳида мекунем. Дар ин давра оммаи халқ на фақат ба муқобили Аббосиён, балки бар алайҳи ҳомиёни онҳо, яъне аъён ва ашрофи маҳаллӣ низ сар мебардоштанд.

Неҳзати Муқаннаъ неҳзати табақаҳои заҳматкаши аҳолӣ ва қабл аз ҳама, барзгарон буда, яке аз равияҳои асосии онро мубориза бар зидди асорати беш аз пеш қувватгирандаи феодалӣ ташкил мекард. Ин аст, ки шӯриши Муқаннаъ дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна аҳамияти бузургеро дар бар кардааст. Ҳарчанд шӯришҳои халқӣ шикаст мехӯрданд, вале фаъолияти оммаи заҳматкашро инкишоф дода, рӯҳи асоратнописандӣ ва озодидӯстии халқҳои Осиёи Миёнаро тарбия менамуданд ва як дараҷа дасти истисморгарони феодалии нав ба рӯйи кор омадаистодаи маҳаллиро кӯтоҳ мекарданд.

# БОБИ ДУВУМ

# АНҶОМИ ПРОТСЕССИ ТАШАККУЛИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА СОЗМОНИ ДАВЛАТИИ Ӯ. ДАВЛАТҲОИ ТОҲИРИЁН, САФФОРИЁН ВА СОМОНИЁН (АСРҲОИ IX–X)

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСИИ АСРҲОИ IX–X

### Қувват гирифтани ашрофи феодалии маҳаллӣ

Шӯришҳои пай дар пайи халқҳои Мовароуннаҳр, ки аз замони мавриди истилои хилофат қарор гирифтани Осиёи Миёна сар карда, ба муқобили ҳукмронии арабҳо давом менамуд, пас аз хобонидани шӯриши Муқаннаъ ҳам қатъ нагардид.

Дар соли 806 шӯриши бузурге бо сардории Рофеъ ибни Лайс ба амал омад. Шӯришиён қоиммақоми халифаро дар Самарқанд ба қатл расонида, муддати чанд вақт шаҳрро ба дасти худ гирифтанд. Дар ин шӯриш хусусан аҳолии Фарғона, Хуҷанд, Бухоро, Уструшан, Хоразм, Чағониён ва Хатлон фаъолона ширкат намуданд. Туркҳои бодиянишин ҳам ба кумаки шӯришиён омаданд.

Ин шӯриши калони халқ дар соли 810 фурӯ нишонда шуд ва ин ҳам фақат ҳамон вақт ба арабҳо муяссар гардид, ки сардори шӯришиён Рофеъ ибни Лайс дар нозуктарин лаҳзаи мубориза хиёнат карда, ба тарафи душман гузашт.

Дар солҳои минбаъда гоҳ дар Суғд, гоҳ дар Уструшан ва Фарғона шӯришҳои нав ба вуқӯъ меомаданд.[1]

Ин ҳама шӯришҳо гувоҳӣ медоданд, ки қоиммақомҳои халифа Мовароуннаҳр ва Хуросонро фақат бо қувваи аслиҳа дар сари итоат нигоҳ дошта наметавонанд. Идора кардани ин мамлакат танҳо ҳамон вақт ба онҳо мумкин мешуд, ки аъён ва ашрофи маҳаллиро ҳарчи бештар ба корҳои давлатӣ ҷалб намоянд.

Аббосиён бо роҳи беш аз пеш ба умури идораи давлат кашидани намояндагони ашрофи маҳаллӣ ният доштанд, ки ҷидду ҷаҳди онҳоро барои истиқлолият суст намуда, дар мубориза ба муқобили шӯришҳои халқ ба онҳо такя кунанд. Бинобар он аз вақти ҳукмронии халифа Абӯҷаъфар ал-Мансур (754-775) сар карда, дар замони ворисони ӯ халифа Маҳдӣ (775-785) ва Ҳорунаррашид (786-809) вилоятҳои гуногуни Мовароуннаҳрро асосан намояндагони ашрофи феодалии маҳаллӣ, дар навбати аввал, вазирони насли

[1] Қодирова Т., 1965, с. 138–147.

Бармакиҳо ва Сомониён идора мекарданд. Вале ин тадбир боиси дар Осиёи Миёна мустаҳкам шудани ҳокимияти хилофат нагардида, баръакс, шароит ва имкониятҳои мусоиди аз таҳти ҳукмронии арабҳо озод шудани ин сарзаминро хеле инкишоф дод.

Дар ҳамин вақт дар Эрон ва Осиёи Миёна неҳзати (зиддиарабӣ, эронпарастии) ба истилоҳ шуубиён бисёр вусъат пайдо намуд.[2] Аз миёнаҳои асри IX шуубия асоси идеологии неҳзати халқии зидди хилофат мегардад (вай бештар дар муҳити деҳот паҳн гардида буд). Шуубия дар байни доираҳои маърифатноки аҳолии маҳаллӣ, ки бо ҳар васила бартарии мадании худро нисбат ба арабҳо таъкид мекарданд, низ шуҳрати муайяне дошт. Дар айни замон фаъолияти он гурӯҳҳои ашрофи маҳаллӣ, ки ба иқтидори худ боварӣ дошта, барои комилан ба даст даровардани ҳокимият ва мустақил шудан аз хилофати араб саъй мекарданд, рӯз аз рӯз қувват мегирифт.

Ҳорунаррашид дар шахсияти Бармакиҳо беш аз пеш пурқувват шудани таъсири иқтисодӣ ва сиёсии ашрофи ғайриарабро дида ва аз он хавф бурда, амр кард, ки тамоми намояндагони хонаводаи Бармакиҳоро ба қатл расонанд.[3]

Вай бо мақсади ба такягоҳи худ табдил додани рӯҳониёни ислом мавқеи онҳоро хеле баланд бардошт. Ӯ заминҳои зиёдеро ба рӯҳониён тақсим кард. Дар баробари ин вай сиёсати ба тарафи хилофат кашидани аъён ва ашрофи маҳаллиро низ давом дод. Аммо маҳв карда шудани насли Бармакиҳо, ки муддати 50 сол чи дар хилофат ва чи дар байни аҳолии маҳаллӣ нуфуз ва эътибори бузурге доштанд, нисбат ба идора кардани вилоятҳои шарқӣ сиёсати хилофатро тағйир надод. Вилоятҳои шарқӣ ҳамоно монанди аввала бо ёрии намояндагони аъён ва ашрофи заминдори маҳаллӣ идора мешуданд. Мавқеи ин аъёну ашроф махсусан аз соли 821, яъне вақте ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр сулолаҳои маҳаллӣ – аввалан, Тоҳириҳо ва сониян, Сомониён ба сари ҳукумат нишастанд, хеле пурқувват гардид.

## Тоҳириён (821–873)

Ниёгони Тоҳириҳо шаҳри Фушанҷи вилояти Ҳиротро дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Сарсилсилаи ин хонадон ҳокими Фушанҷ Тоҳир ибни Ҳусайн буд. Дар вақти қоиммақоми Хуросон будани Маъмун, ки баъдтар ба маснади хилофат расид, Тоҳир дар дарбори ӯ нуфуз ва эътибори калон пайдо намуд. Соли 811, дар ҷанги байни ду бародар, яъне ворисони Ҳорунаррашид– Амин ва Маъмун, дар талоши ҳокимият Тоҳир лашкари Маъмунро сардорӣ кард. Ӯ дар соли 813 Бағдодро забт намуда, барои ба тахти хилофат соҳиб шудани Маъмун ба таври ҷиддӣ кумак расонд. Пас аз чанд вақт дар Бағдод сардори тамоми қувваи ҳарбии халифа буд ва баъд аз он, дар соли 821 ҳокими Хуросон таъйин гардид[4].

[2] Петрушевский И. П., 1966, с. 248–250.
[3] Barthold W., 1913, Бартолд В.В., 1966 в; Bouvat L., 1912; Sourdet D., 1959, I, p. 127–182.
[4] Барои тафсили воқеаҳои сиёсии аҳди Тоҳириён ва Саффориён ниг.: Бартолд В.В., 1963 б, с. 265; инчунин ниг.: Spuler B., 1952, в. 59 ва мобаъд.

Тоҳир мамлакати Хуросон ва вилоятҳои Осиёи Миёнаро ҳамчун ҳукмрони мустақил идора мекард. Вай дар соли 822 ҳатто фармон дод, ки дар хутбаи намози ҷумъа номи халифаро ёд накунанд. Ин бо Бағдод қатъи алоқа кардани ӯро ифода менамуд. Пас аз чанд рӯзи ин воқеа Тоҳир вафот намуд. Нисбат ба ин марги ногаҳонии Тоҳир чунин фикре мавҷуд аст, ки ӯро ҷосусони халифа заҳр дода куштаанд.

Агарчанде Тоҳир майли тамоман ошкорои мустақилшавӣ дошт, халифа Маъмун ба ҳокими Хуросон писари ӯ Талҳаро (822-828) тасдиқ намуд. Писари дигари Тоҳир – Абдуллоҳ (830–844) дар ҳеҷ сурат худро мутеи хилофат надониста, Хуросонро бо ихтиёри худ идора мекард. Дар замони ӯ қароргоҳи Тоҳириён шаҳри Нишопур гардид. Халифа Мӯътасим (833–842) Абдуллоҳро хеле бад медид, вале барои саркӯбӣ ва мутеъ кардани ӯ ҳеҷ як чора ва имконияте надошт. Кӯшиши ба воситаи заҳр ҳалок сохтани Абдуллоҳ ҳам барор нагирифт.

Тоҳириҳо барои ташкил кардани ҳукумати мутамаркази қавӣ ва ба тартиб андохтани умури зироат тадбирҳои қатъӣ пешбинӣ намуданд. Онҳо тариқи беҳтар истифода бурдани обро ҷорӣ карда, наҳр ва каналҳои нав сохтанд. Мувофиқи супориши Абдуллоҳ машҳуртарин қонундонҳои мамлакат қоида ва мизони баҳрабарии обро дар корҳои зироат таҳти мутолиа қарор дода, китобе дар ин бора таълиф намуданд, ки муддати дусад сол дар ҳалли мубоҳиса ва моҷарои соҳаи об ва обёрӣ ҳамчун дастуруламал хидмат кард.

Номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдуллоҳ маҳфуз мондааст[5]. Дар он ба тариқи панду насиҳат масъалаҳои давлатдорӣ, муносибат бо фуқаро, усулҳои андозгирӣ ва амсоли ин баён ёфтааст. Тоҳир ба писараш маслиҳат медиҳад, ки андозро аз рӯйи адлу инсоф бигирад ва аз он на бойҳо ва на наздиконашро озод накунад. Асли маънии ин «мувозибат» дар худи нома равшан ифода шудааст: «Бидон, ки сарват даромаде намеорад, агарчи фузун бошаду дар хазина бимонад, вале баръакс, мефизояд ва зиёдатар мегардад, вақте ки ба зарурати фуқаро, барои адои ҳаққи онҳо ва аз ташвиш озод шуданашон сарф шавад; рафоҳи ҳоли халқ бо ҳамин восита таъмин мегардад, ҳокимонро ин зеб медиҳад, шукуфонии даврон аз ҳамин аст, шуҳрат ва қудратро ҳамин мебахшад... Дар айни вақт ту ба шарофати ин барои ҷамъоварии миқдори лозимаи андозаи замин имкон меёбӣ ва бойигарии ту афзун мешавад ва ин тариқа ту қуввае пайдо мекунӣ, то барои худ қӯшун нигаҳ дорӣ ва ба мардум дасти саховати худро боз намуда, ҳамаро аз худ шод гардонӣ».[6] Тоҳир ин ҷо ҳамчун ҳимоякунандаи манфиати синфи худ баромад карда, дар айни замон чун шахсе, ки ба ҷуз хонахароб кардан ва аз иқтидори пардохти молиёт маҳрум намудан дигар нафъе надоштани зулму истисмори мардумро мефаҳмид, ба назар менамояд. Ӯ маҳз аз рӯйи манфиатҳои синфи худ ба истисмори «оқилона» даъват мекунад. Абдуллоҳ ҳам васиятҳои падари худро то андозае дар амал татбиқ намуд.

Абдуллоҳ инчунин кӯшиш намуд он худсариҳоеро, ки дар маҳалҳо заминдорони калон ва маъмурони давлат нисбат ба барзгарон раво медоштанд, то ҳадди имкон маҳдуд гардонад. Ӯ фармони махсус бароварда,

---

[5] Шмидт А.Э., 1925, с. 127–137.

[6] Шмидт А.Э., 1925, с. 132–135.

аҳволи барзгаронро қадре ба сомон овард. «Худо ризқи моро бо дасти онҳо мерасонад,– гуфта мешуд дар фармони Абдуллоҳ, – ба забони онҳо моро табрик мекунад ва ранҷонидани онҳоро манъ кардааст».

Худ аз худ маълум аст, ки Абдуллоҳ як шахси ҳимоякунандаи манфиати барзгарон набуд; вай фақат манфиати заминдорони калон ва бозургононро дар назар мегирифт. Ӯ «наранҷонидани» зироаткунандагонро танҳо аз ҳамин сабаб талаб мекард, ки бидуни ин ба таври маъмулӣ дохил шудани молиёт ба хазинаи давлат мумкин набуд.

Вазъияти аҳолӣ ва хусусан барзгарон дар замони Тоҳириҳо низ хеле вазнин буд. Онҳо аз тарафи заминдорони калон сахт истисмор шуда, дар ҳамин ҳол маҷбур буданд, ки ба давлат андозҳои аз ҳад зиёд бидиҳанд. Чунончи, дар соли 844 маблағи молиёте, ки аз барзгарон ситонида шуда буд, 48 миллион дирҳамро ташкил мекард. Шӯриши барзгарони Систон қариб ҳеҷ қатъ намешуд.

Тоҳириҳо барои маъмул гардидани дини ислом кӯшиш карда, чунин ният доштанд, ки рӯҳониёни исломро дар бобати сиёсати марказият додани давлат ба такягоҳи худ мубаддал намоянд. Дар аҳди Талҳаи Тоҳирӣ дар Уструшан, ки оини зардуштӣ нисбатан бештар маҳфуз монда буд, низ дини ислом ҷорӣ карда шуд. Абдуллоҳи Тоҳирӣ дар соли 840 ба ташкили мурофиаи ҷиноятӣ бар афшини собиқи Уструшан Ҳайдар, ки пас аз қабул кардани дини ислом яке аз сардорони ҳарбии халифа Мӯътасим гардида буд, мусоидат намуд. Афшин Ҳайдар дар вақти муҳокима ба он гунаҳкор карда шуд, ки ӯ барои пинҳон доштани асли мақсади худ дини исломро қабул карда, дар амал барои шӯриши Уструшан дар талаби истиқлол ва оини қадима тадорукот медид[7]. Ҳангоми мурофиаи суд маълум гардид, ки уструшаниҳо фақат дар зоҳир дини исломро қабул кардаанд, аммо дар амал ба пайравии оини қадимаи худ давом медодаанд.

Давлати Тоҳириҳо ба миқдори зиёди амалдорони босавод эҳтиёҷ дошт. Аз ин ҷост, ки Абдуллоҳ кӯшиш мекард назар ба давраи гузашта дониш ва омӯзишро бештар дастраси оммаи васеи аҳолӣ гардонад. Абдуллоҳ низ монанди падари худ шоир буд. Бародарзодаи ӯ Мансур, ки Марв, Омул ва Хоразмро идора мекард, бо асарҳои фалсафии худ шуҳрат пайдо карда буд. Писари Абдуллоҳ Тоҳири II (844–862) саъй мекард, ки дар ҳар бобат ба падараш тақлид намояд. Умуман, замони ҳукмронии Абдуллоҳ ва Тоҳирро метавон оғози эҳёи маданияти маҳаллӣ номид[8]. Аммо ин протсесс хеле мураккаб ва ихтилофомез буд. Гап дар сари ин аст, ки худи намояндагони сулолаи Тоҳириён, хусусан Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ба маданияти араб ва тамоми зуҳуроти он ихлос доштани худро бо исрор таъкид мекарданд[9]. Дар асри IX ва ибтидои асри X дар Эрон ҷамоатҳои зардуштӣ нашъат пайдо карда, маҳз дар ҳамин вақт чунин асарҳои зардуштӣ, аз қабили «Бундаҳишн» ва

---

[7] Доир ба ин ҳодисаҳои аҷиб ниг.: Бартолд В.В., 1963 б, с.269; Sadighi G.H., 1938, p.287-305; Herzfeld E., 1948, s.138-152; Wright E.M., 1948. p.124-131; Spuler B.,1952, s.62-67; Неъматов Н.,1957, с.140-150. Муҳимтарин мулоҳизаҳои доир ба баъзе масъалаҳои ба ин ҳодисаҳо алоқамандро дар асари Ҳеннинг метавон дарёфт: Henning W.B.,1965 a.

[8] Spuler B., 1952, 8. 68-69, 231-235.

[9] Bosworth C.E., 1969 a.

«Денкарт», инчунин як қатор таълифоти ғайридинӣ ба вуҷуд меоянд[10]. Тоҳириён ҳамаи инро ба эътибор нагирифта наметавонистанд, хусусан, ки аз ҷиҳати сиёсат душмани асосиашон хилофати Аббосӣ буд ва худи онҳо ба ҳамон вилоятҳое такя мекарданд, ки аксари аҳолиашон эронизабон буданд. Маҳз аз ҳамин сабаб Тоҳириён ба шоирон, алалхусус, муътақидони шуубия иҷозат медоданд, ки онҳоро бо подшоҳону қаҳрамонони Эрони пеш аз ислом қиёс карда, ситоиш намоянд. Дар дарбори Тоҳириён дар қатори забони арабӣ забони форсӣ ҳам мустаъмал буд. Дар Марв китобхонае вуҷуд дошт, ки асарҳои ба забони паҳлавӣ навишташуда нигоҳ дошта мешуд.[11]

Бояд эътироф намуд, ки роли бузургро дар тараққии маданияти маҳаллӣ на Тоҳириҳо, балки Саффориҳо бозиданд.

## Саффориён (873–903)

Дар асрҳои IX–X, ба мисли давраҳои гузашта, яке аз вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ дар воҳаҳои зироатии Осиёи Миёна ташкил кардани муҳофизати ин воҳаҳо аз ҳуҷуми ғоратгаронаи бодиянишинон буд. Бо ҳамин мақсад дар ин давра дастаҳои махсуси фидоиёни мусаллаҳ ташкил дода шуда буданд, ки онҳоро ғозӣ – муборизони роҳи дин меномиданд. Ба сафи ғозиён аксаран барзгарон ва пешаварони муфлис дохил мегардиданд. Ин одамоне, ки ҷангро касб карда гирифта буданд, ба ҳамон ҷоҳое фиристода мешуданд, ки бо «кофирон» задухӯрд ба амал меомад.

Ҳокимони маҳаллӣ ин фавҷҳои ғозиёнро барои хизмат ба истеҳкомоте, ки дар ҳудуди байни воҳаҳои зироатӣ ва саҳрои бодиянишинон воқеъ гардида буданд, мефиристониданд. Чи навъе олими ҷуғрофидони араб – Мақдисӣ қайд мекунад, ғозиҳо «ҳам такягоҳ ва ҳам як воситаи нооромии» ҳукуматдорони маҳаллӣ буданд, онҳо, аз як тараф, ба тааррузи бодиянишинон зарба дода воҳаҳои зироатиро аз тохтутози душманон муҳофиза намоянд, аз тарафи дигар, дар неҳзати халқии зидди аъёну ашрофи маҳаллӣ фаъолона иштирок мекарданд.

Дар охири асри IX фавҷҳои мусаллаҳи ғозиён асоси он ҷунбиши бузурги халқиро, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна ва Эрон рӯй дода буд, ташкил намуданд. Ин ҷунбиши халқро бародарон Яъқуб ибни Лайс ва Амр ибни Лайс ба манфиати худ истифода бурданд[12]. Ин ду бародар дар аввали кор як дастаи роҳзан ташкил доданд, ки дере нагузашта ин даста ба яке аз фавҷҳои ғозиёни тавобеи Систон ҳамроҳ шуд. Истеъдоди ҷанговарӣ ва диловарӣ ба Яъқуб имконият дод, ки дар андак фурсат роҳбарии фавҷро ба дасти худ бигирад. Ин фавҷ ба ҳаёти сиёсии вилоят фаъолона иштирок намуд ва аз шӯриши мардумони воҳаҳои зироатӣ истифода бурда, дар соли 861 ҳокими тоҳириҳоро ронд ва маркази Систон шаҳри Заранҷро забт кард.

Яъқуб ҳукмрони ин вилоят гардида, дар зарфи даҳ соли оянда як қатор вилоятҳои шарқии хилофатро тасарруф кард, ки онҳоро то ин вақт охирин

---

[10] Петрушевский И.П., 1960, с. 36-37; Frye K. N., 1963, p. 238-241.

[11] Bosworth C.E., 1969 b.

[12] Аз рӯйи баъзе маълумот Яъқуб мисгар буд. Дар забони араб мисгарро саффор мегӯянд. Номи силсилаи Саффориён низ аз ҳамин бармеояд. Амр наҷҷориро касб карда буд.

намояндаи силсилаи Тоҳириҳо – Муҳаммад ибни Тоҳир (862–873) идора менамуд.[13] Дар соли 873 Яъқуб ба қувваи ҳарбии Тоҳириҳо шикаст дода, маркази Хуросон шаҳри Нишопурро забт кард. Ба ҳамин тариқ, ҳокимияти Тоҳириҳо дар Осиёи Миёна ва вилоятҳои шарқии Эрони кунунӣ тамоман аз байн рафт.

Агарчанде ҳукумати Бағдод аз ин муваффақиятҳои Яъқуб хеле ба изтироб афтода, барои бештар паҳн нагардидани нуфузи ӯ баъзе чораҳо пешбинӣ карда бошад ҳам, натиҷае набахшид. Аз ин сабаб халифа дар соли 874 ин амри воқеиро эътироф намуда, маҷбур гардид, ки идора кардани тамоми хоки Хуросонро ба Яъқуб супорад.

Яъқуб то охири ҳаёти худ ҳамчун як нафар марди ҷангии сода ва шикастанафс боқӣ монд, либоси одии ресмонӣ мепӯшид, ба палос ва қолин аҳамият надода, ба замин менишаст ва дар вақти истироҳат сарашро ба ҷойи болишт ба рӯйи сипари худ гузошта мехобид. Дар айни ҳол вай бо мароми ҷунбишҳои халқии Осиёи Миёна ягон қадар наздикие надошт.

Дар байни лашкариёни ӯ интизоми сахт ҳукмфармо буд. Худи ӯ намунаи диловарии ҳайратангезеро нишон дода, аз сарбозон ва сардорон низ инро бо қатъият талаб мекард. Дар яке аз ҷангҳо рӯйи ӯро бо шамшер зада чунон маъюб карда буданд, ки бист рӯзи тамом ба даҳонаш найча гузошта, хӯрок мехӯрд. Пас аз сиҳат шудан боз мисли пештара далерона ба корзор даромад.

Яке аз қисмҳои асосии қӯшуни ӯро сарбозони «фидоӣ» ташкил мекарданд, ки гоҳо онҳоро бо оҳанги кароҳатомез «айёр» ҳам (ба маънии «қаллоб» ва «роҳзан») мегуфтанд. Ин табақаи махсуси «муҷоҳидони роҳи дин» буд, ки сафи худро аз ҳисоби барзгарони безамин ва фирорӣ пурра мекард. Айёрҳо дар ҳаёти сиёсӣ роли муҳим мебозиданд, аз ҷумла, онҳо дар Систон ба муқобили истилогарон бо матонати тамом мубориза бурданд. Зоҳиран ҳамон айёрҳоеро, ки дар ҷанг беш аз ҳама диловарӣ нишон медоданд, ба мартабаи баландтар бардошта, ба гурӯҳи сарҳангҳо дохил мекарданд. Дар қатори айёрҳо фарзандони деҳқонон ва заминдорон ҳам буданд, ки онҳоро «озодагон» меномиданд. Ғайр аз ин дар қӯшун дастаҳои махсуси ғуломон ҳам мавҷуд буданд. Аввалҳо дар ихтиёри Саффориён ҳамагӣ 2-3 ҳазор сарбоз буд, аммо дар солҳои 874-75 Яъқуб дар як муҳориба 15 ҳазор аскари савораро ба корзор даровард. Қӯшуни саффорӣ мошинҳои ҳарбӣ ва филҳои ҷангӣ дошт. Дар вақти ҳуҷум ба гузоштани дастаи пешоҳанги муҳофиз ва таҷассус аҳамияти калон дода мешуд. Сарбозҳо дар ҳар се моҳ маош мегирифтанд. Ҳар вақт дар айёми Наврӯз тафтиши қӯшун ба амал меомад. Аз сарбоз то сардори қӯшун ба амалдори махсус аспу силоҳи худро намоиш медод ва, сипас, пул мегирифт.[14]

Муваффақиятҳои Яъқуб ибни Лайс аҳволи вазнини меҳнаткашонро, ки ӯ бо ёрдами онҳо ба ин дараҷа расида буд, заррае тағйир надод. Яъқуб ғолибан ба заминдорони хурд ва миёнаи феодалӣ такя менамуд. Ӯ дар вилоятҳои забткардаи худ тамоми тартиб ва қоидаи мавҷударо бо ҳамон ҳолати пештара

---

[13] Муҳаммади Тоҳирӣ яке аз калонтарин феодалони он замон буд. Мадракҳое боқӣ мондаанд, ки мувофиқи шаҳодати онҳо вай аз заминҳои дар Мозандарон доштааш қариб як миллион дирам фоида ба даст меовардааст (дар сурате, ки даромади умумии Мозандарон 13 миллиону 630 ҳазор дирамро ташкил мекард). Ниг.: Ибни Исфандиёр, 1320/1941, ҷилди I, с. 74.

[14] Бартолд В.В., 1963 б, с. 272–280; Bosworth C.E., 1968.

боқӣ гузошт, ҳатто миқдори молиётро, ки бар дӯши барзгарон бори гароне буд, кам накард.

Дар соли 876 Яъқуб бо нияти ғасб кардани ҳокимияти хилофат ба Бағдод лашкар кашид, лекин то он ҷо нарасида, 100 км дуртар дар мавзеи Дору-л-Акул аз тарафи қувваи ҳарбии халифа ба шикасти сахт дучор гардида, ақиб нишаст. Чи навъе ки манбаъҳои таърихӣ нишон медиҳанд, яке аз сабабҳои мағлуб шудани Яъқуб ибни Лайс кӯмаки Алӣ ибни Муҳаммади Бурқаиро рад кардани ӯ буд. Алӣ ибни Муҳаммад ба шӯриши зангиёни ғулом дар Ироқ, ки тақрибан 14 сол (869–883) давом намудааст, сардорӣ мекард. Яъқуб ибни Лайс, ки худ тарафдори ғуломдорӣ буд, аз иттиҳод бастан ба ғуломон ор кард ва аз ин сабаб кумаки пешниҳодкардаи пешвои шӯришиёнро напазируфт. Пас аз се соли лашкаркашии бемуваффақият ба Бағдод асосгузори сулолаи Саффориён Яъқуб ибни Лайс вафот кард. Лашкариёни ӯ бародараш Амр ибни Лайсро ба тахт нишонданд.

Амр ибни Лайс (879–900) дар баробари ишғол кардани ҷойи бародари худ фавран ба халифа муроҷиат намуда, итоати худро бо маркази хилофат изҳор кард. Ин буд, ки аз тарафи халифа мансаби қоиммақоми Хуросон ва идора кардани як миқдор вилоятҳои шарқии Эрон ба ӯ супорида шуд. Лекин дар амал Амр ҳам мисли Тоҳириён истиқлолияти худро аз хилофат нигоҳ медошт. Бар тибқи маълумоти сарчашмаҳо, вай як шахси дар идора кардан соҳибтадбиру доно ва лашкаркаши тавоно буд.

Дар асоси баъзе мадракҳо чунин тахмин кардан мумкин аст, ки Саффориҳо неҳзати мазҳабии шиаҳоро, ки дар байни барзгарон ва пешаварон муваффақият пайдо карда буд, ба дараҷаи хеле зиёд истифода бурдаанд (ҳатто ривояте ҳаст, ки гӯё Яъқуб «Мо ба ҷойи Каъба парастиши офтобро ҷорӣ мекунем», гуфта бошад).

### Таъсиси давлати Сомониён

Сарсилсилаи хонадони Сомониён – Сомон аслан аз вилояти Балх ё худ атрофи Самарқанд ва ё аз Тирмиз буд.[15] Ба тибқи маълумоте, ӯ дини исломро қабул карда, дар шахсияти ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ, ки намояндаи халифаи араб буд, барои худ пуштибоне пайдо намуд ва аз ин сабаб ба аломати эҳтиром нисбат ба ин мард фарзанди худро Асад ном кард. Асад чор писар дошт: Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс. Ҳамаи фарзандони Асад дар аҳди хилофати Маъмун ба корҳои идораи давлат кашида шуда, Нӯҳ ба Самарқанд, Аҳмад ба Фарғона, Яҳё ба Чоч ва Уструшан, Илёс ба Ҳирот ҳоким таъйин гардида буданд.

Дар зоҳир ин чунин ба назар мерасид, ки гӯё ҳар яке аз чор бародар ҳокими вилояти инъомшудае мебошад ва бевосита ба қоиммақоми Хуросон итоат мекунад. Аммо дар асл ин тавр набуд.

Бародари аз ҳама калон Нӯҳ мақоми махсусе дошт. Дар робитаҳои хориҷӣ ҳамчун сардори хонадон баромад мекард. Муаррихон ба ин ҷиҳат кам аҳамият додаанд. Таҳқиқи сиккаҳо нишон медиҳад,[16] ки дар давраҳои аввал бародарон худро на ҳамчун моликони алоҳида, балки ҳамчун аъзои як хонадон ҳисоб

---

[15] Семёнов А.А., 1954, с. 3 ва мобаъд.
[16] Давидович И.А., 1954, с. 78–79.

мекарданд, ки дар сари он Нӯҳ қарор гирифта будааст. Бесабаб нест, ки аввалин пулҳои мисии сомониро ба номи ӯ сикка задаанд. Хусусан яке аз ин пулҳо, ки дар мулки Яҳё – Бинкент бароварда шудаанд, ҷолиби диққат аст: дар он на номи соҳиби мулк, балки номи Нӯҳ сабт гардидааст. Бинобар ин чунин хулоса боварибахш аст, ки набераҳои Сомон аз қадамҳои аввал дар сар фикри ваҳдати хонадонро парварида, онро яке аз шартҳои таъсиси сулолаи муқтадире медонистанд, ки истиқлолияти Осиёи Миёнаро аз хилофати Араб ва Тоҳириҳо таъмин карда метавониста бошад.

Пас аз вафоти Нӯҳ додари ӯ Аҳмад сардори ин сулолаи навбунёд гардид. Аҳмад, ки марди нисбатан доно ва тавоно буд, бо мақсади муайян ба «ҷамъ кардани» замини бародаронаш ва собит намудани мавқеи аввалияти худ камар баст. Ӯ дар вақти зиндагиаш ҳукмронии Самарқандро ба писари худ Наср супурд, ки вай баъди вафоти падараш дар соли 864 сарсилсилаи сомонӣ гардид. Соли 875 халифа ҳам Насрро ҳамчун сардори сулола эътироф намуда, зимоми идораи давлатро ба дасти ӯ дод.

Аҳволи Наср бисёр вазнин буд. Хешовандони калонтари ӯ мулки алоҳида талаб мекарданд ва гоҳо, ҳатто зоҳиран бошад ҳам, вайро ҳамчун сардори сулола эътироф кардан намехостанд. Муборизаи Наср бо майлу кӯшишҳои ҷудошавии бародаронаш на ба таври кофӣ қатъӣ буд ва на бароре дошт. Масалан, амаки Наср Муҳаммад ибни Нӯҳ дар овони ҳукмронӣ карданаш дар Чоч, ҷиянашро чун сардори сулола шинохта, ба номи ӯ сиккаҳои мисӣ мебаровард. Вақте ки Чоч ба дасти бародари Наср – Яъқуб расид, ӯ сиккаҳоро ба номи худ баровардан гирифт. Дигар бародари Наср – Асад дар Фарғона ҳукм меронд. Ин ду бародар дар мубориза ба муқобили бародарони дигари худ муттафиқ буданд, бо вуҷуди ин, Асад дар пойтахти Фарғона – Ахсикат ба номи худ пул мебаровард ва Насрро лоақал чун ҳукмрон ёд намекард. Наср ба ҳамаи ин созиш менамуд. Муносибати Наср хусусан бо бародараш Исмоил мураккаб буд. Исмоил фақат дар соли 874 соҳиби мулки калони Бухоро гардид. То ин вақт Бухоро ба Сомониён тааллуқ надошт. Ҳангоме ки аҳолии ин шаҳр бар зидди бедодгариҳои ҳоким шӯриш бардошта, ӯро пеш карданд, аъёну ашрофи бухороӣ ба кумаки Наср рӯ оварданд. Наср Исмоилро қоиммақоми Бухоро таъйин кард.[17] Ва Исмоил бо нируи ақлу заковат, нармиву хушзабонӣ ва макру ҳиял ҳокимияти худро дар Бухоро устувор ва халалнопазир гардонид.

Бухоро дар дасти Наср мулки ба ивази хизмат инъомшуда ба шумор мерафт. Таҳлили матни Наршахӣ ба чунин хулосае имкон дод,[18] ки Исмоил қисмати зиёди даромади Бухороро (қариб 700 ҳазор дирам) мебоист ба Наср бидиҳад ва қисми камтари онро (500 ҳазор дирам) ҳамчун подоши хизмати қоиммақом барои худ нигоҳ дорад. Исмоил ҳокимияти худро дар шаҳр мустаҳкам карда, аз итоат ба Наср сар кашид ва тамоми даромади ин вилояти пурсарватро аз они худ намуд.

Байни бародарон муборизаи дурудароз сар шуд. То вақтҳои охир муаррихон чунин мепиндоштанд, ки ин муборизаи сиёсии ҳокимиятталабӣ мебошад, аммо сарчашмаҳо ин фикрро тасдиқ накардаанд. Тасвири муфассали муносибати ин ду бародар нишон медиҳад, ки муборизаи онҳо дар заминаи

[17] Бартолд В.В., 1963, б с. 281.
[18] Давидович Е.А., 1954, с. 71–77.

иқтисодӣ қарор гирифта буд ва Исмоил фақат мехост Бухороро бо тамоми ҳуқуқ ва имтиёз дар дасти худ нигаҳ дорад. Сабаби ҳар ду задухӯрде, ки дар миёни бародарон ба вуқӯъ омад, қисмати ба хазинаи Наср тааллуқдоштаи даромади Бухороро азхуд кардани Исмоил буд: задухӯрди якум (соли 886) ба он анҷомид, ки Исмоил аз вазифаи қоиммақоми Бухоро дур карда шуд; задухӯрди дувум (соли 888) ғалабаи Исмоилро таъмин намуд. Вале Исмоил тахтро аз Наср кашида нагирифт, зеро он вақт ӯ чунин даъво надошт. Ӯ фақат барои истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсии Бухоро ва ба мулки хосаи худ табдил додани он мубориза мекард ва дар соли 888 комилан ба ин нияти худ расид. Ниҳоят, дар соли 892, пас аз вафоти Наср, ба тахти салтанат нишаст ва мулки хосаи ӯ Бухоро пойтахти давлати Сомонӣ гардид.



Санги тарозуи биринҷӣ бо номи Исмоили Сомонӣ

Пас аз барҳам додани низоъҳои байнихудии феодалӣ ва хобонидани исёнҳо дар пеши Исмоили Сомонӣ вазифаи боз ҳам ҷиддитар меистод: акнун ӯ мебоист бехатарии хориҷии давлати ташкилкардаи худро таъмин менамуд. Вазъияти хориҷии мамлакат хеле пуртаҳлука буд. Қабл аз ҳама, иқтидори рӯзафзуни давлати Исмоили Сомонӣ боиси ба вуҷуд омадани нооромӣ ва изтироб дар маркази хилофат мегардид. Инчунин ҳуҷуми пай дар пайи қабилаҳои бодиянишини ҳамсоя ба иқтисодиёти воҳаҳои зироатии мамлакат зарбаҳои ҳалокатовар мерасонид.

Халифаи араб дар мубориза бар зидди Исмоили Сомонӣ ҳокими Хуросон – Амр ибни Лайси Саффориро истифода мебурд. Дар соли 898 халифа ҳоҷиёни аз Осиёи Миёна ба Бағдод омадаро ба қасри худ даъват намуда, дар ҳузури онҳо маншуреро, ки дар вай аз сари ҳукумат дур кардани Исмоил ва ба Амри Саффорӣ супорида шудани ҳукмронии Мовароуннаҳр навишта шуда буд, хонд. Сипас, ӯ ин маншурро бо ҳадяҳои пурқимат ба Амр ирсол намуд. Халифаи араб Амрро ба муқобили Исмоил барангехта, мехост ба ин васила қуввати ин ҳар дуро заиф гардонад ва ҳокимияти хилофатро дар Осиёи Миёна мустаҳкам намояд.

Амр фармони халифаро гирифта, бар зидди Исмоили Сомонӣ лашкар кашид. Исмоил, чунонки Наршахӣ менависад, «авом ва пешаваронро» мусаллаҳ намуда, бо қувваи зиёде ба муқобили Амр ба Балх ҳаракат кард ва пеши роҳи лашкари ӯро гирифт.

Соли 900 Исмоил дар назди Бухоро Амр ибни Лайсро мағлуб сохт. Ин ғалаба ба Исмоил аз он сабаб муяссар гардид, ки ӯро оммаи халқ – мардуми авом ва пешаварон дастгирӣ карданд.[19] Инро Табарӣ[20], Ибни Мисковайҳ[21] ва боз ҳам равшану возеҳтар Наршахӣ тасдиқ менамоянд. Масалан, Наршахӣ нақл мекунад, ки Исмоил ҳам ашроф, ҳам авом ва ҳам пешаварони бофандаро бо ҷиҳоз ва силоҳ таъмин намуд. Амр, ки назараш ин нируи бузурги фавҷи халқиро нагирифт, ба мағлубият дучор шуд.[22] Ин гуфтаи Наршахиро, яъне мусаллаҳ намудани Исмоил мардуми авом ва пешаварро муаллифи «Таърихи Систон» ҳам қувват медиҳад: «Исмоил ибни Аҳмад дар Мовароуннаҳр ба ҷорчиҳо фармуд, эълон кунанд, ки: «Амр омадааст, то Мовароуннаҳрро забт кунад, одамонро ба қатл расонад, молу мулкро ба ғорат барад ва занону кӯдаконро ғулом гардонад!». Чун дарвоқеъ ҳам, ин ҳамин тавр буд, пешаварони Мовароуннаҳр тарафи Исмоилро гирифта, бо суханони «Марг аз асорат беҳ!» ба ҷанги зидди Амр равона шуданд».

Ин буд, ки соли 900 Исмоил дар натиҷаи ба кор бурдани тадбири моҳиронаи ҷангӣ лашкари Амр ибни Лайсро ба муҳосира гирифта, тамоман торумор кард ва ҳокимияти худро дар Хуросон барқарор намуд.

Муваффақиятҳои ҳарбие, ки Исмоили Сомонӣ дар ҷанги зидди бодиянишинон ба даст овард, аз ғалабаи ӯ бар Амр камтар набуд. Бодиянишинон як қатор зарбаҳои ҳалокатовар дида, вақти зиёде аз тохтутози воҳаҳои зироатии Мовароуннаҳр даст кашиданд. Барои он ки воҳаҳои Бухоро аз ҳуҷуми бодиянишинҳо бехатар монад, ҳанӯз қабл аз Исмоил, дар байни воҳаҳои зироатӣ ва саҳрои чодарнишин дар масофаи даҳҳо километр девори баланд кашида буданд. Таъмири ҳарсолаи ин девор ба зиммаи аҳолӣ гузошта шуда буд. Чи навъе ки муаррихони асри X тасдиқ мекунанд, ин кор барои аҳолӣ уҳдадории хеле сахт ҳисоб мешуд. Ҳангоме ки Исмоили Сомонӣ ба бодиянишинон зарбаи қатъӣ расонид, аҳолии Бухоро ва атрофи онро аз ин хидмати маҷбурӣ озод намуд. «То вақте ки зиндаам, девори Бухоро ман ҳастам» – мегуфт ӯ. Наршахӣ менависад, ки дар ҳақиқат ҳам Исмоили Сомонӣ ҳама вақт дар муҳорибаҳо шахсан иштирок менамуд ва ба душман имкон намедод, ки ба вилояти Бухоро даст ёбад.

Исмоили Сомонӣ аз муборизаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард. Вай дар баробари барҳам додани ҳукумати Саффориён ҳокимияти худро на танҳо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон мустаҳкам кард, балки ба як қатор вилоятҳои шарқӣ ва шимолии Эрон соҳиб

---

[19] Ғафуров Б.Ғ., 1958, с. 53–54.
[20] Табарӣ, III, 2194.
[21] Ибни Мисковайҳ, р. 10.
[22] Наршахӣ, нашри Теҳрон, с. 105.

гардида, истиқлолияти ҳақиқии давлати ташкилкардаи худро нисбат ба хилофати Араб таъмин намуд.

Исмоили Сомонӣ, ки худ як нафар феодали калон буд, бо саъю кӯшиши тамом манфиатҳои аъён ва ашрофи феодалии маҳаллӣ ва гурӯҳҳои бозургонии мамлакатро муҳофизат мекард. Исмоил ба тақозои ҳамин манфиатҳои тоҷирону заминдорони калон чи дар таҳкими амнияти хориҷии мамлакат ва чи дар бобати ба тартиб даровардани идораи дохили он иқдомот ба амал овард. Ин иқдомот ва ҳамчунин дар навбати аввал ба як марказ муттаҳид намудани Хуросон ва Мовароуннаҳр, таъмин намудани истиқлолияти ҳақиқии мамлакат ва сомон кардани муносибати он бо бодиянишинон – ин ҳама ба тараққиёти зироат, пешаварӣ ва тиҷорати Мовароуннаҳр ва Хуросон заминаҳои зарурӣ фароҳам оварданд.

## Сохти давлатӣ ва ташкили дастгоҳи идораи он

Асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ ба хубӣ медонист, ки таъмин кардани истиқлолияти Мовароуннаҳр ва аз хилофати Араб озодона нашъунамо ёфтани вай фақат ҳамон вақт мумкин мешавад, ки дар ин мамлакат як ҳукумати марказиятпайдокардае ба вуҷуд ояд. Вай дар роҳи ин мақсад як қатор иқдомот ба амал овард.

Яке аз ин навъ иқдомот ҷорӣ намудани усули мутаносиби идораи давлат буд.[23] Дар аҳди Сосониён дастгоҳи давлатӣ ба даргоҳ (дарбори подшоҳӣ) ва девонҳо (идораҳои марказии ҳарбӣ-гражданӣ) тақсим мегардид.[24] Дар шароити ҳаёти феодалӣ ба ин тақсимот он қадар ҳам риоя карда намешуд: одамони бонуфузи дарбор аксар вақт ба корҳое мудохила мекарданд, ки вазифаи ин ва ё он девон ба шумор мерафт.

Чи навъе ки Наршахӣ қайд мекунад, дар замони салтанати Насри II Сомонӣ (914–943) дар атрофи Регистони Бухоро даҳ бинои олӣ барои девонҳо сохта буданд. Девонҳо аз 10 идораи марказӣ иборат буда, аз рӯйи вазифаҳои худ ба соҳаҳои зерин тақсим мешуданд:

*Девони вазир* – асоситарин идораи марказӣ ҳисоб мешуд ва дар тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлат назорат менамуд. Ба вай сардорони ҳамаи девонҳои дигар итоат мекарданд. Ба мансаби сардори ин девон, яъне ба вазифаи вазирӣ ё ҳоҷиби бузург, одатан яке аз намояндагони се хонавода: Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбӣ таъйин мешуданд. Тамоми қувваҳои ҳарбии Сомониён дар ихтиёри ҳоҷиби бузург буд.

*Девони муставфӣ* ҳамаи корҳои молиявӣ, яъне харҷу дахли мамлакатро пеш мебурд.[25]

---

[23] Бартолд В.В., 1963 б, с. 285 ва мобаъд.

[24] Усули девонҳо ҳанӯз дар Эрони сосонӣ вуҷуд дошт. Дар хилофати араб тарзи идора фақат ҳамон вақт ҷорӣ гардид, ки Аббосиён ба сари ҳокимият омада ва намояндагони аъёну ашрофи заминдори маҳаллӣ ба корҳои давлат кашида шуданд (Мец А., 1966, с. 70-73; Spuler B., 1952, s. 337; Sourdel D., II 1960, p. 589-605).

[25] Бартолд тахмин мекунад, ки ин девон, эҳтимол, бо «девони хироҷи» Аббосиён мувофиқат дошта бошад (Бартолд В.В., 1963 б, с.289). Дар баробари ин, аз мавҷудияти «девон-ул-хироҷ» дар идораи Сомониён низ маълумот додаанд. (Bosworth C.E., 1963, p. 28).

*Девони амид-ул-мулк* ба ҳамаи коғазҳои муҳимми давлатӣ маъмур буда, инчунин муносибатҳои дипломатиро бо дигар давлатҳо идора мекард.

*Девони соҳиб-уш-шурот* гвардияи Сомониёнро дар ихтиёри худ нигоҳ медошт, ба озуқа, моҳона ва нигоҳубини лашкар назорат менамуд.[26]

*Девони соҳиб-ул-барид* (сардори почта) ба расонидани муросилоти давлатӣ маъмур буд. Аммо коркунони маҳаллии ин девон на фақат вазифаи хатбариро адо мекарданд, балки дар бораи ҳокимон ва маъмурини маҳаллии давлатӣ ва рафтори онҳо хабарҳои махфиро ҳам ба марказ расонида меистоданд, яъне вазифаи маъмурони «маҳкамаи сиёҳ»-ро низ ба ҷо меоварданд. Девони барид бо чунин хусусияти худ аз дигар девонҳо тафовут дошт, ки муассисаҳои маҳаллии вай ба ҳокимҳо итоат нанамуда, бевосита ба идораи марказии худ нигоҳ мекарданд. Бояд қайд кард, ки почта он вақтҳо фақат ба эҳтиёҷоти давлат хидмат менамуд ва барои аҳолӣ дастрас набуд.

*Девони муҳтасиб* ба бозор, тарозу, молҳои фурӯшии барзгарон ва пешаварон назорат мекард. Вай метавонист фурӯши молҳои қалб ва номарғубро боздорад ва ба нархи гарон фурӯхтани маҳсулотро манъ кунад. Ин девон тадриҷан ба ахлоқи мардум, масҷидравӣ ва истеъмоли машрубот низ назорат мекардагӣ шуд. Шаҳре набуд, ки муҳтасиби худро надошта бошад.

*Девони мушриф*[27] корҳои давлатӣ, хусусан харҷу дахли хазинаро назорат мекард.

Ғайр аз ин девонҳо боз девони мулкҳои давлатӣ, девони қозӣ ва девони вақф мавҷуд буд. Ал-Хоразмӣ боз як девони дигар: девони умури ҳарбро ном мебарад, ки дар асари Наршахӣ зикр наёфтааст.[28]

Муассисаҳои маҳаллии ҳамаи ин девонҳо, ба истиснои девони барид, аз як тараф, ба ҳокимҳо итоат кунанд, аз тарафи дигар, ба девони марказии худ итоат менамуданд.

Ҳокимони вилоятҳо аксаран аз байни аъён ва ашрофи заминдори бонуфуз, маъмулан аз хонаводаи ҳокимони гузаштаи маҳаллӣ таъйин мешуданд.

Дар қатори ин ҳокимҳо дар ҳар шаҳр якнафарӣ раис ҳам буд, ки аз байни аъён ва ашрофи маҳаллӣ таъйин мегардид.

Дар асри X, дар аҳди Сомониён рӯҳониёни ислом низ роли калон мебозиданд. Дар Мовароуннаҳр асосан мазҳаби ҳанифия паҳн шуда буд. Саррӯҳонӣ, ки аввалҳо «устод» меномиданд ва баъдтар ба худ лақаби «шайхулислом»-ро гирифт, дар давлати Сомониён мавқеи бузурге дошт.

Аммо усули мутаносиби идораи давлат, ки Сомониён ба вуҷуд оварда буданд, ба ҳеҷ ваҷҳ аз марказияти қатъӣ пайдо кардани ин давлат шаҳодат намедиҳад.

Дар зарфи тамоми давраи ҳукумати Сомониён муборизаи ҳокимияти марказӣ бар зидди қасдҳои марказгурези моликони ҷудогонаи феодалӣ қатъ нагардид. На Исмоили Сомонӣ ва на ворисони ӯ, бо вуҷуди муборизаҳои шадиде, ки барои мустаҳкам намудани ҳокимияти мутамарказ мебурданд,

---

[26] Аз эҳтимол дур нест, ки муҳимтарин вазифаи ин девон назорати политсиягӣ бошад (Spuler B., 1952, s. 335-336; Bosworth C.E., 1963, p. 29).

[27] Аз калимаи арабии «ишроф» («назорат аз ҷойи баланд»). Бинобар ин ақидае ҳаст, ки ин девон ба воқеънависии дохилӣ, яъне ҷосусӣ машғул будааст (Bosworth C.E., 1963, p. 29).

[28] Bosworth C.E., 1963, p. 29, 270. Дар рӯйхати Наршахӣ аз он сабаб девони ҳарб зикр наёфтааст, ки ин девон ҷойи доимӣ надошта, бо қувваи асосии лашкар ҳаракат мекардааст.

усули мамлакатдории марказиятнокро дар бисёр маҳалҳо ва канору гӯшаҳои Осиёи Миёна ҷорӣ карда натавонистанд. Ҳарчанд вилоятҳои Хоразм, Чағониён, Хатлон ва ғ. дар ҳайати давлати Сомонӣ бошанд ҳам, ҳокимони онҳо дар амал мустақилан ҳукмронӣ мекарданд.

Масалан, дар Хатлон дар зарфи қариб дусад сол (асрҳои IX– X) намояндагони сулолаи маҳаллии Банинҷуриён[29] ҳукмронӣ карда, тамоми оидоти ин вилояти пурсарватро ба хазинаи худ мегузоштанд, вале ба Сомониён ғайр аз пешкаш чизе намедоданд. Ба ин тариқа, тадбири пешгирифтаи Сомониён, ки ҳокимони вилоят таъйин карда, ба ин васила муқобилиятварзии феодалони маҳаллиро барҳам додан ва онҳоро ба тарафи худ кашидан буд, аксар вақт натиҷаҳои номатлуб медод.

Усули феодалии инъоми мулк, ки дар замони Сомониён хеле авҷ гирифта буд, давлатро аз дарун «пора карда», ҳатто хоки аслии онро ҳам тақсим намуд. Аҳли хонадони сомонӣ ва амалдорони калон, ки ба тариқи инъом шаҳру вилоятҳоро соҳиб мешуданд, кӯшиши соҳибихтиёр шудан доштанд ва аксар вақт мавқеи аз ҳокимияти марказӣ мустақилро ишғол менамуданд.

Таҷрибаи ба умури идораи вилоятҳо таъйин намудани намоёнтарин саркардаҳои ҳарбии гвардияи дарбори сомонӣ, ки дар вақтҳои аввал барои дарҳам шикастани муқовимати феодалони маҳаллӣ ва фурӯ нишондани шӯришҳои халқӣ ба кор бурда мешуд, низ оқибатҳои нек набахшид. Саркардагони турк аз норизоиятии феодалони маҳаллӣ ва муборизаҳои синфии дохилӣ истифода намуда, гоҳо худашон бар зидди ҳокимияти марказӣ сар мебардоштанд ва вилоятҳои худро мустақил эълон мекарданд.

## Низоъҳои байнихудии феодалӣ ва суст шудани давлати Сомониён. Истилои Қарохониён

Баъд аз вафоти Исмоили Сомонӣ (с.907), дар аввалҳои салтанати Аҳмад ибни Исмоил (907–914) якбора дар якчанд вилоятҳо исён сар зад. Ҳокимони Самарқанд, Рай ва Систон шӯриш бардоштанд. Пас аз хобонидани ин исёнҳо дере нагузашта дар натиҷаи хеле бад шудани аҳволи деҳқонон ва афзудани андозҳо дар Систон шӯриши халқӣ ба вуҷуд омад. Сомониён фақат бо машаққати зиёде ба пахш кардани ин шӯриш муваффақ шуданд.

Аҳмад ибни Исмоил бо чанд сабаб дар байни гвардияи турк нисбат ба худ муносибати душманона ба вуҷуд овард ва дар вақти шикор аз тарафи ғуломони худ кушта шуд. Дар айёми подшоҳии писари ӯ Насри II (914–943) идора кардани мамлакатро вазир Абӯабдулло Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ ба уҳдаи худ гирифт.

Ҷайҳонӣ, ки яке аз одамони бомаърифати замона буд, дар давраи вазорати худ, чунонки муаррих Гардезӣ қайд мекунад, идораи мамлакатро ба тартиб овард. Бо вуҷуди ин, низоъҳои байнихудӣ ва ҷангҳои дохилӣ ҳамоно давом мекарданд. Чунончи, бар тибқи шаҳодати муаллифи араб Ибн ал-Асир, дар охирҳои соли 914 ва аввалҳои соли 915 дар Самарқанд бародарзодаи Насри II – Мансур ибни Исҳоқ исён бардошт. Чанде пас аз ин, саркардаи

[29] Муфассалан ниг.: Fasmӯr R., 1925; Беленитский А.М., 1950 а, с. 124–126.

калони ҳарбӣ Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ[30] аввал дар Ҳирот ва баъд дар Нишопур исён намуда, сарвари ҳаракати қармата (исмоилия) гардид. Аҳмад ибни Саҳл – ном заминдори калон, ки қувваҳои ҳарбии Ҳусайни Марвазиро торумор ва худи ӯро асир намуд, ба зудӣ худаш ҳам бар зидди Сомониён сар бардошт ва ин исён фақат пас аз як сол фурӯ нишонда шуд.

Баъд аз марги Ҳусайни Марвазӣ ба ҳаракати қармата дар Мовароуннаҳр Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ роҳбарӣ намуд. Нахшабӣ дар ҷараёни фаъолияти худ муваффақиятҳои калон ба даст овард. Вай бисёр амалдорони олимақоми ҳукумати Сомониёнро ба қабул кардани ақидаи қармата моил намуд, ки дар байни онҳо ҳоҷиби бузург, дабири хоси амири сомонӣ, сардори девони муставфӣ ва ҳокими Элок низ буданд. Нахшабӣ ба воситаи ин одамон ба дарбори Насри II Сомонӣ роҳ ёфт.

Дар охирҳои салтанати Насри II ҳаракати қармата хеле қувват гирифт. Худи Насри II ҳам тарафдори таълимоти қармата гардид ва мувофиқи хоҳиши Нахшабӣ розигӣ дод ба ивази дар ҳабсхонаи Бухоро ҳалок шудани Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ, ки иҷрокунандаи супоришоти махфии Фотимиён буд, ба халифаи Миср 119 ҳазор динор товон диҳад.

Ҳамаи ин ба норизоияти ҷиддии рӯҳониёни ислом боис гардид. Рӯҳониён бо ҳамроҳии намояндагони гвардияи турки дарбор ба муқобили Насри II суиқасд ташкил намуданд. Онҳо барои расидан ба ин қасди худ хостанд, ки ба муносибати дар ояндаи наздик бар зидди бодиянишинон лашкар кашидани амири сомонӣ базми шабнишинии саркардагони ҳарбиро барпо карда, дар ин базм Насрро ба қатл расонанд ва тамоми пайравони қарматаро бикушанд.

Лекин писари Насри II – Нӯҳ аз ин суиқасд хабардор шуд. Бо талаби ӯ Насри II саркардаи суиқасдчиёнро бо фиреб ба ҳузури худ оварда, сарашро аз тан ҷудо кунонд ва, сипас, бо ҳамроҳии Нӯҳ ба базми сарлашкарон ҳозир шуд. Дар айни авҷи базму тараб Насри II эълон кард, ки вай аз суиқасд воқиф аст ва фармуд, ки сари саркардаи мақтулро ба пеши сарлашкарон ҳаво диҳанд. Ӯ дар худи ҳамон ҷо аз тахти подшоҳӣ даст кашида, писараш Нӯҳро, ки ҳеҷ кас ӯро ба тарафдории ҳаракати қармата айбдор накарда буд, ба ҷойи худ таъйин кард.

Мувофиқи шаҳодати воқеаномаҳои таърихӣ, Нӯҳ ибни Наср баъди расман ба тахт нишастани худ Нахшабиро ба ҳузураш даъват намуда, амр медиҳад, ки бо фуқаҳои ислом мунозира кунад ва дар пеши умум дурустии ақидаҳои худро

---

[30] Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ бо хилофати Фотимиён, ки аз тарафи исмоилиҳо идора мешуд, алоқаманд буд, вале ӯ дар манбаъҳои таърихӣ одатан қарматӣ номида шудааст. Истеъмоли тазодии истилоҳоти «исмоилӣ» ва «қарматӣ» дар сарчашмаҳо ба сабабҳои зайл сурат ёфтааст. Дар вақти ҷанги зинҷиҳо ва шӯриши қармата дар охири асри IX ду давлати нисбат ба хилофати Аббосиён хусуматдошта ба вуҷуд омад: яке давлати қармата дар Баҳрайн ва дигаре хилофати Фотимиён дар Мағриб, ки баъдтар Мисрро ҳам забт намуд. Сохти ҷамъиятӣ ва идеологияи ин ду давлат гуногун буд, аз ҷумла, дар масъалаи ҳокимият байни онҳо тафовути ҷиддӣ вуҷуд дошт. Қарматиҳо дар вақти шӯриш ва баъдтар ҳам, ҳангоми тохтутозҳои худ, ки соли 930 Маккаро забт карда «санги сиёҳ»-и муқаддасро бо худ бурданд, ҳамчун бидъатгузорони аз ҳама ҷасур ва ҷангҷӯ дар тамоми шарқ ном бароварданд. Дар асрҳои X–XI, ки Фотимиён ва қарматиҳо якҷоя бар зидди хилофати Аббосӣ мубориза мебурданд, манбаъҳои маҳкамэътиқоди ислом аксар вақт мубаллиғони исмоилии Мисрро «қарматӣ» меномиданд. Чун исмоилиҳо худро тарафдори Алӣ ва авлоди ӯ меҳисобиданд ва қарматиҳо ҳам таълимоти зоҳиран ба шиа монандро пайравӣ мекарданд, он вақтҳо истилоҳи «қарматӣ» маънии умумии «аҳли бидъат», «муборизи зидди мазҳаби ҳанафии суннӣ», инчунин «шиӣ» ва «рофизӣ»-ро ҳам ифода мекард (муфассалан ниг.: Заходер Б.Н., Бертелс А.Е., 1959, с.52 ва мобаъд; Петрушевский И.П., 1966, с. 280 ва мобаъд).

исбот намояд. Албатта, фуқаҳои ислом ғолиби мунозира эълон карда шуданд. Нахшабӣ бо гуноҳи ба манфиати худ сарф кардани 40 ҳазор динор аз маблағе, ки ба товони марги Ҳусайни Марвазӣ ба Фотимиҳо бояд фиристода мешуд, низ айбдор гардида, бо фармони Нӯҳ дар майдони Бухоро ба дор кашида шуд.

Аҷобаташ дар ин аст, ки пас аз як рӯзи қатл ҷасади ӯ аз дор ғоиб гардид.

Пас аз ин дар сар то сари мамлакат қатлиоми қарматиҳо ва мусодираи молумулки онҳо сар шуд. Аз ҳамон вақт ҳаракати қармата дар Осиёи Миёна фақат ҳамчун ҷараёни махфӣ давом намуд. Вале ташкилоти махфии тарафдорони ин бидъат дар Бухоро хеле фаъолона ва муддати дурударозе амал мекард.

Хатибони қарматӣ соли 1045, дар аҳди Қарохониён, яъне пас аз сад соли воқеаи мазкур дастгир гардида, ба қатл расонида шуданд.

Дар давраи ҳукмронии Нӯҳ ибни Наср (943–954) аломатҳои таназзули давлати сомонӣ ба таври равшан падидор мешаванд. Давлат дар солҳои аввали ҳукуматдории Нӯҳ ба душвории сахти молиявӣ рӯ оварда буд. Бар тибқи маълумоте, ҳанӯз дар соли 942 аз аҳолӣ ду карат андоз гирифта шуд. Душворииномолиявӣ ба дараҷае расида буд, ки ба сипоҳиён ва ҳатто ба гвардияи амир вақти зиёде моҳона дода нашуд. Ин аҳвол дар байни аскарон норозигии ҷиддӣ ба вуҷуд овард. Нӯҳ ибни Наср барои лоақал муваққатан паст кардани шиддати норозигӣ вазири худро ба сабабгори ин ҳама душвориҳои молиявӣ айбдор намуда, ба қатли ӯ фармон дод. Албатта, ин тадбир ба беҳтар шудани вазъияти молиявии мамлакат боис нагардид.

Амаки Нӯҳ–Иброҳим ибни Аҳмад аз чунин вазъият истифода бурда, дар моҳи январи соли 947 бо ёрии феодали калони Чағониён – Абӯалии Чағонӣ ҳокимиятро ба даст даровард. Гвардияи дарбори Нӯҳ, ки аз марги Наср инҷониб моҳона намегирифт, Иброҳимро тарафдорӣ намуд. Нӯҳ маҷбур гардид, ки ба Самарқанд баромада равад. Лекин вай дар вақти ба Чағониён баргаштани Абӯалӣ аз сари нав тахтро ба даст оварда, ба чашмони амаки худ ва ду бародари ӯ, ки дар ин исён ширкат доштанд, мил кашида кӯр кард.

Нӯҳ ибни Наср дар солҳои охири ҳукмронии худ асосан ба мубориза и зидди шӯриши Абӯалии Чағонӣ машғул гардид. Вай пас аз кӯшиши бемуваффақияти бо роҳи ҳарбӣ бартараф намудани шӯриши Абӯалӣ ба баъзе гузаштҳо маҷбур шуда, ӯро аввал ҳокими Чағониён ва, сипас (дар с.952), ҳукмрони Хуросон таъйин намуд.

Давраи ҳукмронии писари калони Нӯҳ – Абдулмалики I (954–961) бо қувват гирифтани нуфузи сиёсии саркардагони ҳарбии гвардияи турк ва ба дасти онҳо гузаштани қариб ҳамаи корҳои идораи давлат тавсиф меёбад.

Дар ин вақт хусусан сардори гвардияи турк ва феодали калон Алптегин ба сифати ҳоҷиби бузург сар мебардорад. Таъсири Алптегин ба дараҷае афзуда буд, ки Абдулмалик бидуни розигии ӯ, ҳатто касеро ба маснади вазорат таъйин карда наметавонист. Ин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ (аз соли 954 то соли 959) мансаби вазорат чор маротиба аз даст ба даст гузашта, ниҳоят ба дасти дӯсти Алптегин – Абӯалии Балъамӣ омада қарор гирифт. Чи навъе ки Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» ном воқеаномаи таърихии худ қайд кардааст, Алптегин ва Абӯалӣ аҳд карда буданд, ки ноиби якдигар бошанд ва Абӯалии Балъамӣ бояд ҳеҷ кореро бе маслиҳати Алптегин намекард.

Марги Абдулмалик боиси ошӯбҳои нав дар Бухоро гардид. Аҳолии шӯришкардаи пойтахт қасри амирро оташ зада толон намуданд. Бо исрори

Алптегин писари хурдсоли Абдулмалик – Насри III амир эълон карда шуд. Лекин салтанати ӯ бештар аз як рӯз давом накард, зеро дигар саркардагони ҳарбӣ ва феодалони калон ба саъю кӯшиши Алптегин дар бобати мустаҳкам намудани мавқеи худ дар ҳокимият тарафдорӣ накарданд ва Мансур ибни Нӯҳи Сомониро (961–976) ба тахт нишонданд.

Алптегин пас аз якчанд задухӯрде, ки дар байни ӯ ва сарлашкарони сомонӣ дар ноҳияи Марв ва Балх рӯй дод, ба Ғазнин ҳаракат намуда, дар соли 962 ҳокимияти он ҷоро ба дасти худ гирифт. Танҳо пас аз марги Алптегин (с.963) ба Мансур ибни Нӯҳ муяссар гардид, ки ҳокимияти Сомониёнро дар Ғазнин барқарор намояд.

Баъд аз вафоти Мансур дар аҳди писари ӯ Нӯҳи II (976–997) ихтилофоти дарборӣ ва исёнҳои ҳокимону феодалони маҳаллӣ, ки вилоятҳои ҷудогонаи давлати сомонӣ, аз он ҷумла, бисёр маҳалҳои Хуросон ба дасти онҳо гузашта буд, боз ҳам бештар қувват гирифтанд.

Иқтидори давлат ба дараҷае суст гардид, ки вай наметавонист ба андак ҳуҷуми хориҷӣ тоб оварад. Маҳз дар чунин вазъият дар соли 992 давлати Сомонӣ ба аввалин ҳамлаи як қатор қабилаҳои бодиянишини турк дучор афтод. Дар сари онҳо хонҳои аз қабилаи яғмо меистоданд, ки ин сулола бо номи «Қарохониён» машҳур гардидааст. Қарохониҳо дар вақти ба Мовароуннаҳр ҳуҷум овардани худ, ба водии Ҳафтрӯд ва як қисми Туркистони шарқӣ – Кошғар соҳиб гардида буданд. Бузургтарин ва маданитарини қабила дар миёни туркони қарахонӣ қабилаи қорлуқҳо ба шумор мерафт.

Тамоми кӯшишҳои Нӯҳи II дар бобати сафарбар намудани қувваҳои ҳарбии мамлакат бар зидди тааррузи Қарохониҳо натиҷае набахшид. Азбаски туркони қарохонӣ ба дини ислом, ки ба туфайли равобити тиҷоратӣ бо шаҳрҳо ва воҳаҳои зироаткори Мовароуннаҳр дар байни онҳо паҳн гардида буд, эътиқод доштанд, ба муқобили ҳуҷуми онҳо бо шиори ғазовот ба по хезондани аҳолӣ имконнопазир буд. Саркардаҳои калони ҳарбӣ аз ҳимояи Нӯҳи II даст кашиданд. Қоиммақоми Хуросон – Абӯалӣ ибни Абулҳасани Симҷурӣ ба тарзи махфӣ бо Буғрохони Қарохонӣ созиш намуда, қӯшуни Хуросонро ба мудофиаи Мовароуннаҳр нафиристод. Лашкаре, ки бар зидди Буғрохон фиристода шуда буд, дар натиҷаи хиёнати сардори худ Фоиқ шикаст хӯрд ва худи Фоиқ ҳамроҳи Буғрохон ба тарафи Бухоро ҳаракат кард. Ин буд, ки қӯшуни Қарохониён ба муқовимате дучор нашуда, пойтахти давлати Сомонӣ – Бухороро ба осонӣ забт намуд. Нӯҳи II маҷбур шуд, ки ба Омул фирор кунад.

Фавти ногаҳонии Буғрохон вазъиятро тағйир дод. Қӯшунҳои қарохонӣ ғанимати зиёде ба даст оварда, ба саҳроҳои худ баргаштанд.

Воқеаи соли 992 ноустувории давлати Сомониёнро равшан нишон дод: Абӯалии Симҷурӣ дар Хуросон ва Фоиқ дар Балх бар зидди Нӯҳи II исён намуданд.

Пас аз он ки Нӯҳи II ба Бухоро бозомад, дигар ба қувваҳои худ умед набаста, барои кумак ба ҳокими Ғазна – Сабуктегин муроҷиат кард. Сабуктегин аслан аз авлоди гвардияи турки дарбори сомонӣ буда, истеъдоди фавқулодаи сарлашкарӣ дошт. Вай бо Алптегин алоқаи хешовандӣ пайдо намуда, пас аз вафоти ӯ ҳокими Ғазна гардид ва боз як қатор вилоятҳоро низ ба қаламрави худ дароварда, доираи давлатро хеле вусъат дод. Сабуктегин хоҳиши Нӯҳи II-ро ба камоли майл қабул карда, фавран ба тарафи Мовароуннаҳр равон шуд. Ӯ бо қӯшуни бистҳазорнафара аз дарёи Аму

гузашта, аввал ба Кеш (Шаҳрисабз), сипас, ба Нахшаб (Қаршӣ) ворид шуд ва аз он ҷо бо ҳамроҳии Нӯҳ ба муқобили Абӯалӣ ва Фоиқ ҳаракат кард. Баъди якчанд муҳорибаҳо лашкари Абӯалӣ ва Фоиқ торумор гардида, худи онҳо ба Гургон гурехтанд. Ба ивази ин хидмат Нӯҳи II ба Сабуктегин лақаби «Носир-уд-дин в-ад-давла» («ҳомии дин ва давлат») дод. Писари Сабуктегин Маҳмуд, ки дар ҷангҳои зидди исёнкорон фаъолияти калоне нишон дода буд, низ лақаби «сайф-уд-давла» («шамшери давлат»)-ро гирифт ва ба ҷойи Абӯалии Симҷурӣ ҳокими Хуросон таъйин гардид.

Дар солҳои 995-996 ҳокимони вилоятҳои ҷудогонаи сомонӣ аз нав исён бардоштанд ва туркони қарохонӣ боз ба забт намудани хоки давлати Сомониён қасд намуданд. Ин бор ҳам Нӯҳи II бо мадади Сабуктегин исёнро пахш намуда, аз ҳуҷуми Қарохониён ба Бухоро ҷилавгирӣ карда бошад ҳам, вале бо вуҷуди ин, вилоятҳои шимоли шарқии давлати сомониро, ки дар ҳавзаи дарёи Сир воқеъ буданд, аз даст дод. Пас аз ҳамаи инҳо таъсири Ғазнавиён дар Мовароуннаҳр хеле қувват гирифта, то дараҷае расид, ки Нӯҳи II амалан аз истиқлолияти ҳукмронии худ маҳрум шуд.

Дар соли 997 Нӯҳи II ва Сабуктегин вафот карданд. Писари Нӯҳи II - Мансур ибни Нӯҳ (997–999) тамоман дар таҳти таъсири Маҳмуди Ғазнавӣ буд. Ҳокимони Нишопур – Бектузун ва Фоиқ, ки ба қарохониҳо гап дода буданд, аз торафт наздиктар шудани муносибати Мансур ибни Нӯҳ ва Маҳмуд ба ҳарос афтода, ба чашмони Мансур мил кашиданд ва ӯ ба зудӣ дар соли 999 вафот кард. Бо исрори Бектузун ва Фоиқ бародари Мансур – Абдулмалики II ибни Нӯҳ ба тахт нишаст.

Маҳмуди Ғазнавӣ бо баҳонаи гирифтани интиқоми Мансур бо лашкари худ ба дарбори Сомониён ҳаракат кард ва амири сомониро маҷбур намуд, ки қисмати шимолии Афғонистони имрӯзаро ба ихтиёри ӯ бисупорад. Пас аз чанд вақт Маҳмуди Ғазнавӣ ба тамоми Хуросон соҳиб шуд. Дар дасти Абдулмалик ибни Нӯҳи Сомонӣ танҳо Мовароуннаҳр монд.

Вале дере нагузашта дар худи ҳамон соли 999 дар натиҷаи зарбаи нави Қарохониҳо ин такягоҳи охирин низ аз по афтод. Хони Қарохониён Насри Илокхон пойтахти давлати сомонӣ – шаҳри Бухороро забт намуда, Абдулмалик ва дигар намояндагони хонадони салтанатиро ҳабс кард.

Ҳилол-ас-Сабӣ, ки аввалин бор ҳикояти ӯро В.Р.Розен аз дастнависе пайдо карда, дастраси умум гардонид, дар ин бора мухтасаран, вале хеле возеҳу равшан нақл намудааст. Шоҳиди воқеа чунин меоварад: «Вақте ки лашкари хон сар даровард, ман дар Бухоро будам. Он вақт хатибони сомонӣ ба минбари масҷидҳои ҷомеъ баромада, мардумро ба ҷиҳод даъват мекарданд ва аз номи Сомониён мегуфтанд: «Охир шумо медонед, ки мо чӣ тавр ба шумо муносибати хуб доштем ва чӣ тавр бо нармӣ муомила мекардем. Инак, акнун душман ба мо таҳдид мекунад, шуморо лозим аст, ки ба мо ёрӣ кунед ва барои мо биҷангед. Барои ба мо мадад расондан ва пуштибонӣ кардан аз Худо баракат бихоҳед». Қисми зиёди аҳолии Бухоро ба мисли (умуман) сокинони Мовароуннаҳр бо худ силоҳ доранд. Мардум инро шунида, ба назди онҳое, ки фақеҳ мехонанд, рафтанд ва хоҳиш карданд, ки дар бобати ҷанг кардан ё накардан ба онҳо фатво диҳанд. Лекин онон ҷангиданро манъ карда, гуфтанд: «Агар Хониён (бо Сомониён) дар роҳи дину мазҳаб низоъ медоштанд, бар зидди онҳо ҷангидан савоб мебуд. Чун ҳоло байни онҳо дар талоши неъмати

дунё задухӯрд ба амал омадааст, худро нобуд кардан ва сар ба теғ додани мусулмон гуноҳ аст. Тариқи зиндагии ин мардум (яъне Хониён.– Б. Ғ.) хеле хуб ва эътиқоди онҳо бенуқс аст, (бинобар ин) беҳтар аст (аз ҳама гуна мудохила) худдорӣ кард». Ин буд яке аз сабабҳои асосии ҳокимиятро ғасб кардани Хониён ва фирору нузули Сомониён».[31] В.В. Бартолд дар вақташ дуруст қайд карда буд: «Дар бораи ягон муқовимате, ки дар вақти аз Исфиҷоб ба Самарқанд ва Бухоро ҳаракат кардани Буғрохон ва ҳангоми пойтахти Сомониёнро ишғол намудани ӯ ба амал омада бошад, (дар сарчашмаҳо) чизе гуфта намешавад. Аз эҳтимол дур нест, ки мардуми аз низоъву кашмакашҳои доимӣ бисёртар азиятдида ба табаддулоти сулолавӣ хунсардона ва бепарвоёна назар намудааст.[32] Ба ҳамин тариқ, давлати сомонӣ тамоман аз байн рафт.

Чунонки дар ҷараёни воқеаҳои ин боб мушоҳида карда шуд, пеш аз ҳама, муборизаҳои тундутези синфӣ ва инчунин муқобилатҳои байни феодалон ва ҳукумати марказӣ, носозиҳои миёни подшоҳони сомонӣ ва саркардаҳои ҳарбии турк, зиддиятҳои байни намояндагони дарбор ва маъмурони девонҳо, ки рӯз то рӯз шадидтар мегардиданд, давлати сомониро заиф намуда, ба дараҷае оварда расонданд, ки дар охирҳои асри X аз иқтидори он танҳо номе боқӣ монда буд.

Дар чунин як шароите, ки феодалони маҳаллӣ нисбат ба ҳамдигар душманона рафтор намуда, бар зидди иқдомоти ҳукумати марказӣ бо яроқу аслиҳа мубориза мебурданд ва аз итоат саркашӣ мекарданд, албатта, Сомониён барои дафъи ҳуҷуми истилогаронаи хориҷӣ ҳеҷ як қувваеро пеш гузошта наметавонистанд Оммаи халқи Мовароуннаҳр, ки аз андозҳои зиёд ба ҷон омада, борҳо ба муқобили Сомониён шӯриш карда буданд, низ онҳоро ҳимоя накарданд. Гвардияи турк, ки ягона такягоҳи тоҷу тахт ҳисоб меёфт, ақибгоҳи мустаҳкам надошт ва аз ин рӯ, ба дафъ кардани ҳамлаи душман оҷиз буд.

Ин аст, ки Сомониён ба ҳуҷуми хориҷӣ муқовимат карда натавониста, аз майдони сиёсат ва мамлакатдорӣ берун рафтанд.

## 2. ХОҶАГӢ, МАДАНИЯТИ МОДДӢ, МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Хоҷагии қишлоқ

Аксари аҳли меҳнат машғули зироат ва чорводорӣ буд. Зироати обӣ дар Осиёи Миёна ва дар Хуросон ба ғояти равнақ расид, шабакаи пурвусъати анҳору каналҳо ва иншооти мураккаби обёрӣ самараи зироатро ниҳоят афзун гардонданд. Барои тавсифи хоҷагии ин давра таъйини ҳамин ҷиҳат хеле муҳим мебошад, ки дар асрҳои IX–X нисбат ба давраҳои пешина дар миқдори заминҳои кишт ва шумораи иншооти обёрӣ тағйироти ба назар намоёне шуда буд ё не. Азбаски дар асрҳои IX–X давлатҳои калони муташаккил таъсис ёфтанд, ба ҳамин сабаб барои сохтмони иншоотҳои калони обёрӣ ҳам имконият фароҳам омад ва чунин имконият дар давраҳои пеш аз оғози истилои арабҳо вуҷуд надошт, зеро Осиёи Миёна ба бисёр мулкҳои алоҳида-

---

[31] Розен В., 1888, с. 275.
[32] Бартолд В.В., 1963 б, с. 319–320.

алоҳидаи аксаран ниҳоят хурд тақсим шуда буд. Ба ин сабаб мебоист, ки равнақу ривоҷи зироати обӣ дар асрҳои IX–X, нисбат ба асрҳои VI–VII ба давраи нав, ба давраи хеле баландтар мебаромад. Вале барои исботи ин даъво мадракоти конкрет дар даст надорем[33]. Масалан, алҳол фақат ҳаминаш маълум, ки дар аҳди халифа Мӯътасим (833–842) дар Шош канали нав канда буданд. Инчунин тарзи идораи шабакаҳои калони обёрӣ низ дигар гашта, ин гуна шабакаҳоро аз як ҷо идора мекардагӣ шуданд. Масалан, чунин маълумот ба даст омадааст, ки дар ҳавзаи Мурғоб ва инчунин дар ҳавзаи Зарафшон тамоми шабакаи обёрӣ дар ихтиёри як кас буд. Ҳанӯз дар аҳди Абдуллоҳ ибни Тоҳир (830–844) дар боби танзими истифодаи корезҳо қонунҳои махсус қабул шуда буданд.

Вале ин маълумотҳои пароканда имкон намедиҳанд, ки дараҷаи равнақу ривоҷи зироати обӣ дар ин ду давра бо ҳамдигар муқоиса ва таҳлил карда шаванд ва он дигаргуние, ки бешак, дар асрҳои IX-X ҷой доштанд, маълум гарданд. Аммо умед ҳаст, ки ба туфайли дар вақтҳои охир хеле авҷ гирифтани ҳафриёти соҳаи таърихи обёрӣ ва, инчунин тадқиқи ҳуҷҷатҳои қадимӣ санаи аниқтари сохтмон ё худ таъмири мукаммали бисёр каналҳоро муайян кардан мумкин мешавад. Алҳол мо метавонем дар бораи зироати обии асрҳои IX–X Осиёи Миёна ва Хуросон фақат ҳамон тавсифотеро зикр намоем, ки В. В. Бартолд дар асоси мадракоти хаттӣ бо меҳнату машаққати зиёде ҷамъ оварда буд. Баъдтар ба ин маълумоти В.В. Бартолд маълумоти дигар муҳаққиқон зам гардид, ки дигар ҷойҳои ин ноҳияро тадқиқ кардаанд.

Ду калонтарин дарёи Осиёи Миёна–Аму (ғайр аз поёноби он, ки дар воҳаи Хоразм воқеъ аст) ва Сир бевосита барои обёрӣ қариб истифода намешуданд ва обро на аз худи дарё, балки асосан аз шохобҳои онҳо мегирифтанд. Қисми асосии заминҳои обӣ дар водиҳои шохобҳои шимолии Аму ва Панҷ (Сурхоб, Кофарниҳон, Вахш ва ғ.) ҷой гирифта буданд. Ба қавли Мақдисӣ аз Сурхоб қадре об мегирифтаанд, ки баъзан дарё то Аму намерасидааст. Мувофиқи маълумоти маъхазҳо дар ноҳияҳои поёноби Аму–дар байни Тирмиз ва Омул танҳо воҳаҳои хурд-хурди ҷудогона вуҷуд доштанд, ки дар атрофи шаҳрчаҳои қариби убургоҳ воқеъ буданд ва обро ба воситаи канал аз худи Аму мегирифтанд. Умуман, аз рӯйи шаҳодати Истахрӣ аз оби Аму фақат Хоразм баҳра мебардоштааст.

Оби Сир низ барои обёрӣ хеле кам ба кор мерафт. Заминҳои ҳосилхези Фарғона фақат аз шохобҳои он об мегирифтанд. Оби баъзе шохобҳои дарё пурра барои обёрӣ сарф мешуд ва то ба худи Сир намерасид. Географҳои араб аз об таъмин будани шаҳру деҳоти Фарғонаро мукаммал ба қалам дода, борҳо наҳру ҳавзҳои пуроб ва боғоти шодобро зикр кардаанд.

Дар асри X дар ҳавзаи Сир ободтарин ҷо водии дарёҳои Элок (Оҳангарон) ва Парак (Чоргиз) ҳисоб мешуд. Дар тамоми Мовароуннаҳр дигар ягон маҳалле набуд, ки шаҳру деҳот дар як масоҳати хурд ин қадар зич ҷой гирифта бошанд. Маҳз дар нимаи аввали асри IX дар ин ҷо канали нави калон сохта шуд.

Шабакаи обёрии ҳавзаи Зарафшон пеш аз истилои арабҳо ҳам ба дараҷае мукаммал ва пурсамар буд, ки дар давраҳои минбаъда ҳам бисёр тағйир наёфт.

[33] Мадракотро роҷеъ ба обёрии Осиёи Миёна дар асрҳои IX-X ниг. ба: Жуковский В.А., 1844, с.12; Бартолд В.В., 1965, а, с. 199; Ғуломов Я.Ғ., 1957, с. 125 ва мобаъд.

Барои давом кардани кори шабакаи мазкур кифоя буд, ки ба каналҳои мавҷуда андак нигоҳубин кунанд, каналҳои муваққатан аз кор мондаро ба кор даророанд ва баъзан ба сабаби паст шудани сатҳи оби дарё ҷойи сари каналро дигар кунанд ва ғ. Аксар вақт баъди аз нав ба кор андохтани канали кӯҳна номи он ҳам дигар мешуд. Мисли давраҳои пешина дар асри X ҳам асоси шабакаи обёрии Зарафшон дарғоти Варағсар буд. Аз ин дарғот се канал сар шуда, тамоми заминҳои ҷануби Самарқандро шодоб менамуд. Се канали дигари шимолӣ аз соҳили дигари Зарафшон, аз рӯбарӯи Варағсар об мегирифт. Ноҳияи Самарқанд аз ҷиҳати ҳосилхезӣ воҳаи ягона дониста мешуд. Яке аз волиёни араб соли 720–21 намонд, ки лашкари вай душманро таъқибкунон ба Суғд дароояд, то ин ки мабодо «бӯстони «амиралмуслимин» (яъне халифа) зарар ёбад. Воҳаи Бухоро ҳам анҳору каналҳои сершумори сероб дошт.

Шабакаи обёрии ҳавзаи Мурғобро низ қайд кардан лозим аст, ки дар он давраҳо хеле мукаммал буд. Ривояте ҳаст, ки шумораи коркунони ин шабака гӯё ба 10 ҳазор нафар мерасидааст.

Заминҳо дар Осиёи Миёна ва Хуросон асосан ба воситаи каналҳое обёрӣ мешуданд, ки аз дарё об гирифта, ба таври муқаррарӣ сохта мешуданд. Вале дигар тарзҳои обёрӣ низ вуҷуд дошт. Агар сатҳи замин ба кандани канали муқаррарӣ имкон надиҳад, дар он сурат корез месохтанд. Агар замин дар ҷойи баланд бошад, обро ба он ҷо ба воситаи чиғир мебароварданд ва чархи чиғирро одатан бо ёрии шутур мегардонданд. Дар маҳалҳои доманакӯҳ одатан сойҳоро баста дарғот месохтанд ва оби баҳоронро ҷамъ карда, тобистон истифода мебурданд.

Вале бояд гуфт, ки заминҳои лалмӣ ҳам кам набуданд. Ҳатто дар воҳаҳои сероб, масалан, дар Мурғобу Зарафшон он қадар заминҳои лалмӣ буданд, ки ҳосили онҳо як шаҳри калон ё худ деҳоти бисёреро пурра таъмин менамуд. Дар ҷойҳои дигар заминҳои лалмӣ барои ҳамин буданд, ки об намерасид. Масалан, дар поёноби Ҳарирӯд барои обёрӣ об намерасид, ба ин сабаб дар ин ҷойҳо бештар чорводорӣ ривоҷ ёфт. Дар он ҷойҳое, ки оби дарё хусусан дар фасли гарми сол камӣ мекард, барои обёрии боғу полизҳо аз оби чоҳҳо истифода мебурданд.

Маъхазҳои хаттии асрҳои IX–X дар бораи шуғли зироаткорони музофоту ноҳияҳои гуногун ба тафсил маълумот дода, аксар вақт махсус қайд менамоянд, ки ин ё он маҳал бо кадом намуди зироат ном баровардааст. Мисли давраҳои пешина дар ин давра ҳам кишти ғалла дар ҷойи якум буд. Пахтакорӣ низ хеле равнақу ривоҷ дошт. Дар ин бобат Осиёи Миёна дар тамоми Шарқи Наздик ва Миёна мавқеи махсусро ишғол мекард. Беҳуда нест, ки дигар вилояту шаҳрҳои хилофат маҳз аз Осиёи Миёна ба миқдори калон газворҳои пахтагӣ мегирифт. Аз ҳама бештар дар вилояти Марв (пахтаи ин ҷо, мувофиқи маълумоти маъхазҳо, чунон хушсифат будааст, ки ба сифати намуна хизмат мекардааст), дар атрофи Самарқанд, Бухоро, дар Шош, инчунин дар дигар ҷойҳо пахта мекиштанд. Боғҳо, токзорҳо, полизҳо дар атрофи шаҳрҳо майдонҳои бузургро ишғол мекарданд. Баъзе навъҳои мева, ангур ва сабзавот хеле дур аз ҳудуди давлати Сомониён шуҳрат дошт, дар баъзе ҷойҳо рӯян ва заъфарон барин зироати нодир парвариш мекарданд.

Табиист, ки зироаткорон чорво ҳам доштанд. Дар маъхазҳо ишорат меравад, ки ҳатто дар атрофи шаҳрҳои калон чарогоҳҳои сералафро дидан мумкин буд.

Вале чорводорӣ ҳамчун соҳаи махсуси хоҷагӣ ҳам вуҷуд дошт ва алалхусус дар хоҷагии маҳалҳои даштӣ ва кӯҳӣ хеле инкишоф ёфта буд. Вале қайд кардан лозим, ки як худи чорводорӣ эҳтиёҷоти аҳолиро пурра таъмин карда наметавонист. Ба ин сабаб додугирифт бо чорводорони кӯчманчӣ, ки дар шимолу шарқтари давлати Сомониён маскун буданд, аҳамияти калон дошт.

## Истеҳсоли маъдан ва кӯҳкорӣ

Истеҳсоли маъдан низ хеле равнақ гирифт. Дар Фарғона оҳан, қалъагӣ, нуқра, симоб, мис, сурб ва, инчунин мум, сангпахта, фирӯза, навшодир ва ғ. истеҳсол мекарданд; аз Қарамазор, аз қарибии Хуҷанд нуқраи зиёде мегирифтанд ва ин кон бо номи Кӯҳи сим машҳур аст. Географи араб Ибни Ҳавкал навиштааст, ки дар Уструшан дар қарибии шаҳри Марсманда ва дар рустоки Минк оҳан истеҳсол карда мешуд. Маҳсули ин кон на фақат эҳтиёҷоти Фарғонаро таъмин мекард, «балки ба Хуросону Ироқ ҳам кашонда мешуд».[34] Дар китоби «Ҳудуд-ул-олам» гуфта мешавад, ки ҳар сол дар Марсманда бозори калоне мешуд ва аз ҳамон ҷо ба гирду атроф ашёи оҳанӣ паҳн мегашт.[35] Муаррихи араб ал-Истахрӣ дар Асбара (Исфара) будани конҳои калони ангиштро қайд карда менависад, ки: «он ҷо кӯҳе ҳаст аз санги сиёҳ ва он санги сиёҳ мисли ангишт месӯзад».[36] Худи ҳамин муаррих қайд мекунад, ки дар асри Х дар Осиёи Миёна дар кори ҳарбӣ нафт бисёр истифода мешуд – масалан, ҳангоми муҳосираи қалъа ба даруни он зарфҳои сӯзони нафт партофта, шаҳрро оташ мезаданд. Ноҳияҳои болооби Зарафшон маркази истеҳсоли оҳан, тилло, нуқра, зок ва Дарвозу Рушону Шуғнону Бадахшон маркази истеҳсоли тилло, нуқра, лаъл, лоҷувард дониста мешуд. Дар «Хуҷистон» ном ҷой (ҷойи ҳозираи посёлкаи «Солпром»-и ноҳияи Ашт) намак истихроҷ намуда ва бо он аҳолии Шош, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳоро таъмин мекарданд.[37]

Тамоми сарзамини Осиёи Миёна батафсил тадқиқ карда шуда буд. Ва дар ин кор ҳеҷ як шароити табиӣ монеа нашуд. Истеҳсоли маъдан, ҳатто дар Помири Шарқӣ дар кӯҳи Бозордаро равнақ дошт. Дар ин маҳал бошишгоҳи бузурги истеҳсолу истихроҷ ва харидуфурӯши маъдан вуҷуд дошт, ки онро археолог М.А.Бубнова тадқиқ кардааст; шояд ин маҳал худи ҳамон Самарқанд бошад, ки дар маъхазҳои хаттӣ номбар шудааст. Ҳуҷҷатҳои хаттие, ки аз ин ноҳия ба даст омаданд, аниқу дақиқ шаҳодат медиҳанд, ки ҳам дар асрҳои миёна ва ҳам дар давраҳои хеле қадимтар аз ин дар Помири Шарқӣ фақат намояндаҳои халқҳои Осиёи Миёна сокин буданд.

Ба туфайли тадқиқоти муфассали археологӣ ва геологӣ мо алҳол аниқ тасаввур карда метавонем, ки авзои ҳақиқии кӯҳкории асрҳои IX–X чӣ гуна буд. Маъданшиносу кӯҳкорони тоҷик соҳиби таҷрибаи бойи чандинасра буданд ва дар ҳамон шароити вазнину душвор тамоми он аломату

---

[34] Ибни Ҳавкал, BGA, II, с. 384.
[35] Ҳудуд-ул-олам, 1930, в; вароқи 23 б.
[36] Истахрӣ, BGA, I, с. 334.
[37] Маълумоти маъхазҳои хаттӣ оид ба истихроҷи маъдан дар Осиёи Миёна дар асарҳои В.В.Бартолд гирд оварда шудаанд (хусусан дар боби таърихию географии «Туркистон дар давраи истилои муғулҳо» ва М.Е.Массон (1934 б, 1047, 1953). Инчунин ниг.: Беленитский А.М., 1953 а.

нишонаҳоеро, ки ба вуҷуди ин ё он маъдан далолат мекунад, мукаммал медонистанд ва чунон конҳоеро кашф кардаанд, ки ҳатто геологҳои имрӯзаро дар ҳайрат мегузоранд. Вобаста ба навъу намуд ва шарҳу мавқеи маъдан конҳои хурд ва ё конҳои калон сохта мешуд. Баъзан конҳо чунон калон мешуданд, ки ҳозир ҳам касро дар ҳайрат мегузоранд. Масалан, чунинанд Кони Мансур, Кони Гут ва ғ. Барои истихроҷи маъдан аввал чоҳҳои чуқури рост ё моил мекофтанд, аз ин чоҳ баъд худи нақб канда мешуд, ки он то лаби маъдан рафта мерасид; агар маъдан рӯяк ҷой гирифта бошад, қабати хоки болои онро гирифта партофта, бо усули кушод истихроҷ мекарданд. Баъзе конҳо хеле чуқур шуда мерафтанд, масалан, дар Тоҷикистон кони асримиёнагие кашф шуд, ки чуқуриаш аз 250 метр бештар аст. Барои маъданканӣ одатан «усули оташкан» истифода мешуд, яъне маъданро бо ёрии оташ меканданд. Барои ин дар таги деворе, ки маъдан дорад, гулхан гиронда онро метасфонданд, ҳамин ки сахт тасфид, ба болояш об мерехтанд. Пас аз чандин бор такрор шудани ин кор сахттарин ҷинси кӯҳӣ кафида ҷудо мешуд ва баъди ин кандани он кори мушкил набуд. Олоти маъданканӣ ҳам вобаста ба сахтию мустаҳкамии он ҳар хел мешуд – асосан дар он давраҳо фонаҳои чӯбину оҳанӣ, зоғнӯлу метинҳои дастадору бедаста, каланду бел, тешаву табар, путку болға барин чизҳоро кор мефармуданд.

Кӯҳкорони асримиёнагии тоҷик барои сарфаи меҳнат ва осонии кор фақат ҳамон хокеро канда берун мепартофтанд, ки пеши маъданро гирифта бошад ва барои пеш рафтан имкон шавад. Ба ин сабаб тамоми он чоҳу нақбҳои конҳои қадима бениҳоят каҷу килебу печдарпеч мебошанд ва аз баъзе ҷойҳои нақб фақат хазида гузаштан мумкин аст. Дар айни замон чунин ҳолат ҷолиби диққат аст, ки конҳо бо ҳавсалаи тамом канда, маъдани онҳо покиза истихроҷ карда мешуд.

Аксар вақт сақфи конро бо тиргак мустаҳкам намекарданд, вале аз бисёр конҳо тиргакҳои қадимӣ ёфт шуданд. Масалан, чунин тиргакҳо дар Кони Мансур ёфт шуданд, ки аз ин кон дар асрҳои IX–X маъдан мегирифтанд. Набудани тиргак дар аксари конҳо маънои онро надошт, ки ба ин кор ақли кӯҳкорони он давра намерасид, балки сабаби асосӣ шароити иҷтимоию иқтисодии он замона буд, яъне ҳаёти кӯҳкор ягон арзише надошт ва тиргак фақат ба ҳамин шарт монда мешуд, ки бе тиргак чуқур кардани кон ҳеҷ имкон надошта бошад. Барои исботи маҳорат ва саводи баланди техникии кӯҳкорони қадимии тоҷик зикри ҳамин як мисол кифоя аст, ки аллакай дар ҳамон давраҳо тиргакҳои «чандар» ном навъи тиргакмонӣ истифода мешуд, ки онро илми ҳозира ҳам тавсия мекунад ва маҳз ҳамин усули тиргакмонӣ вазни фишори хокро бардошта, сақфи конро мустаҳкам нигоҳ медорад.

Даруни конро бо чароғи сиёҳ равшан мекарданд. Ҳавои он бо чанд усул тоза карда мешуд. Асосан ҳаракати табиии ҷараёни ҳаворо истифода мебурданд ва қонуни аз даруни кон берун шудани ҳавои вайрон, ки баъдтар бори аввал М.В.Ломоносов кашф кардааст, ба кӯҳкории асримиёнагии тоҷик маълум буд. Барои дигар кардани ҳавои кон дигар усулҳоро низ кор мефармуданд. Масалан, дар лаби даромадгоҳи кон тахтаҳои махсус мешинонанд, ки онҳо дами шамолро гардонда, онро ба даруни ин кон равона мекард. Аз афти кор, дар ҳамон давраҳо ҳам усули зӯран дигар кардани ҳавои даруни кон истифода бурда мешуд.

Инчунин усулҳои берун кардани оби даруни кон ҳам вуҷуд дошт. Асосан барои берун кардани оби кон таҷрибаи якунимҳазорсолаи корезкобӣ истифода бурда мешуд.

Маъдани кандашуда аз кон ба воситаи сабад ё қавға (халтаи чармӣ) берун кашида мешуд. Дар ҷойҳои фарози баромади кон зинаҳо месохтанд. Барои аз чоҳ баромадан болорҳои поймонакдор ё нардбонро истифода мебурданд. Дар солҳои охир, инчунин осори ғарғараҳои боркашӣ ҳам ёфт шуд. Дар яке аз чоҳҳои Кони Мансур чархи калони чӯбини ғарғараи боркашӣ, танобҳои он ва ҳатто дар нӯги таноб чангак ҳам ёфт шуд, ки ба он сабад ё қавғаро илҳоқ карда, берун мекашиданд.

Маъданро аз кон бароварда аз даруни он пораҳои лозимаро чида мегирифтанд, баъд онро майда мекарданд (барои ин кор ҳам асбобу олати махсуси мураккабро кор мефармуданд), баъди майда кардан тоза мешустанд ва пас аз ҳамаи ин, мегудохтанд. Кӯраҳои калони маъдангудозӣ вуҷуд доштанд, масалан, кӯраи калон аз Конжул ёфт шудааст.

Дараҷаи илму ҳунари маъданшиносӣ ҳам баланд буд. Муқоисаи маълумоти маъхазҳои хаттӣ ва осори кӯраҳои маъдангудозӣ, таҳлили дажғолу филизоти тайёр далолат менамоянд, ки дар ҳамон давраҳо гудохтани маъданҳои сулфиди мис, бо усули купелятсия ҷудо карда гирифтани нуқра барин протсессҳои ниҳоят мураккаби маъдангудозӣ пурра азхуд карда шуда буданд.[38]

## Истеҳсоли шиша ва сафололот

Ҳангоми тадқиқи шаҳру деҳоти асримиёнагӣ бевосита дар болои хок ва ҳангоми ҳафриёти археологӣ дар мағзи қабатҳои археологӣ, андаруни вайронаи бинову хонаҳо, чуқуриҳои ахлотпартоӣ ва ғ. бисёр шишаи «томуғулӣ» вомехӯрад, ки санаи онро ба асрҳои IX–XII нисбат медиҳанд. Ин навъ шиша, ки дар ҷойҳои гуногуни Осиёи Миёна ёфт шудааст, дар музейҳои СССР ҳам бисёр мебошад. Гарчанде мақолаву рисолаҳои сершуморе дар ин бора ба табъ расида бошанд ҳам,[39] давраҳои инкишофи шишагарии Осиёи Миёна аз асри IX то асри XIII ба таври хронологӣ омӯхта нашудааст. Агар ҳангоми кофтуков ягон маснуоти шишагӣ ба даст ояд, санаи онро ниҳоят тахминию умумӣ таъйин менамоянд, масалан, шишаи асрҳои X–XII ё X–XI мегӯянду мемонанд, ба ин сабаб онҳоро ба мақсади тавсифи аниқи вазъият ва хусусияти шишагарии асрҳои IX–X истифода бурдан кори маҳол аст. Шакке нест, ки дар тамоми шаҳрҳои калон ва ҳатто миёна аз асрҳои IX–X сар карда, истеҳсоли шиша вуҷуд дошт ва онро истифода мебурданд, вале маснуоти шишагие, ки маҳз ба асрҳои IX–X тааллуқ доранд, аз ҷумлаи тамоми он маснуоти шишагии асрҳои IX–XII аниқ ҷудо карда нашудааст.

Фақат шишаи чанд маҳалле, ки дастраси археологҳо гардид, бешак, маҳз дар асрҳои IX–X истеҳсол шудааст ва он маҳалҳо инҳоанд: димнаи Кулзортеппа (дар қарибии Самарқанд[40]), шаҳри асримиёнагии Нисо[41] дар яке

---

[38] Литвинский Б.А., 1950 а, 1954 в, 1956 а; Литвинский Б.А., Исломов О.И., 1959; Исломов О.И., 1955; Бубнова М.А., 1962; Буряков Ю.Ф., 1965.

[39] Абдураззоқов А.А. ва диг., 1963; Абдураззоқов А.А., Безбородов М.А., 1936.

[40] Ставиский Б.Я., 1960.

[41] Давидович В.А., 1949.

аз гузарҳои шаҳри асримиёнагии Варахша[42] ва ғ. Дар байни маснуоти шишагии ин маҳал аз ҳама бештар зарфҳои шишагии рӯзгор ва зарфҳои атриёт ҳаст. Шаклҳои маъмули ин маснуоти шишагӣ чунинанд: ҷому қадаҳҳое, ки пояи борики баланд доранд, кӯзаҳои гуногуни тангдаҳану васеъдаҳан, ки баъзе дастадору баъзе бедаста мебошанд, косаву пиёлаҳои гуногуншакл, дӯлчаҳои дастадор, шишачаҳои носкадушакли дастадор ва ғ.

Маснуоти шишагӣ асосан аз шишаи беранг тайёр карда шудаанд, вале маснуоте низ ба даст омадааст, ки аз шишаи гуногунранг тайёр карда шудааст, шишаи рангаро барои ороиши дигар хел зарфҳо низ истифода мебурданд.

Дар асрҳои IX–X шишагарони Осиёи Миёна усули бо роҳи дамидан истеҳсол намудани зарфҳои тунукро комилан аз худ карда, тамоми нозукиҳои онро кор мефармуданд. Шишагарон усули дамиданро барои ороиши зарфҳо низ татбиқ менамуданд – дар ин сурат зарфҳо чунин дамида мешуд, ки нақши рӯйи қолаб айнан ба рӯйи зарф мегузашт.

Якрангии шакли зарфҳои ҷою маҳалҳои гуногун, тамоман набудан ё ниҳоят кам ва арзону осон будани ороиши зарфҳо, ба нудрат истифода шудани нақшкӯбӣ барин усулҳои хоси ҳар як зарф далолат менамоянд, ки дар асрҳои IX–X истеҳсоли зарфҳои шишагии рӯзгор шакли оммавӣ дошт ва барои оммаи васеъ истеҳсол карда мешуд. Дар ин бобат як чиз ҷолиби диққат аст: баъзе шаклҳои зарфҳои шишагӣ тақлидан ба зарфҳои сафолии асрҳои IX–X сохта мешуданд ва ин шоҳиди он аст, ки гарчанде масолеҳи зарф гуногун бошад ҳам, шакли онҳо ба як қолаби муайян даровarда мешуд ва ин протсесси хеле инкишофёфта буд.

Ҳамин чиз ҳам хеле муҳим аст, ки дар асрҳои IX–X дар Осиёи Миёна шишаи тиреза месохтанд ва истифода мебурданд. Пораҳои шишаи тиреза (масалан, аз Нисо, аз Афросиёб ва ғ.), ки дастраси мо гардидаанд, аз шишаи беранг бо ҳамон усули дамиш тайёр карда шудаанд, ки дар истеҳсоли зарфҳои шишагӣ ҷой дошт. Шишагарони Осиёи Миёна ин усули маълумро ба кор бурда, махсус барои тиреза бо усули дамиш табақчаҳои паҳну шаффоф месохтанд ва ягона камбудии ин гуна шишаҳо ҳамин буд, ки мобайни он андак ғафс шуда мемонд. Вале ин камбудӣ қариб, ки ягон зарар надошт, зеро аздусар он табақчаҳои шишагиро ба порчаҳои гуногуншакл бурида, баъд дар кодокҳои гаҷӣ мешинонданд.

Шишаҳои тирезаи ёфтшуда ба кӯшку қасрҳо ва ё дигар иморатҳои пурдабдабаи муҳташам муносибате надорад. Аз афти кор, вай дар манзили шаҳриёни бой истифода мешуд. Умуман, шишаи тиреза ихтирои прогрессивие буд ва шароити манзилҳои ондавраро хеле беҳтар мекард.

Истеҳсоли сафолот дар асрҳои IX–X, дар Осиёи Миёна басо мукаммал ва муфассал[43] тадқиқ шудааст, вале то имрӯз ягон асари ҷамъбасткунандае нест. Вусъати бузурги ҳафриёти археологӣ боиси он шуд, ки гузару маҳаллаҳои томи кулолон ошкор карда шавад, чандин навъу намуди даму кӯраву хумдонҳо низ ёфт шуданд, ҳатто чанд устохонаву дӯкони кулолон кашф гардид, ки дар дар он асбобу анҷоми кулолӣ, масолеҳи кулолӣ ва ҳатто зарфҳои сиҳат боқӣ

[42] Кабаков С.К., 1956.

[43] Аҳроров И., 1966; Болшаков О.Г., 1958, 1963, 1966; Вактурская Н.Н., 1959; Лунина С.Б., 1962; Сайко Э.В., 1963; Тошхӯҷаев Ш.С, 1967 ва диг.

мондаанд. Ба туфайли ин комилан тасаввур кардан мумкин аст, ки кулолони асрҳои IX–X аз аввал то охир, яъне аз худи тайёр кардани лой то сохтани олот чи гуна тарзу усулҳоро ба кор мебурданд. Кулолии асрҳои IX–X аз дигар нуқтаи назари технологӣ низ хеле муфассал тадқиқ карда шудааст. Масалан, муайян карда шудааст, ки чӣ гуна гил истифода мешуд, чӣ гуна онро ангоб медоданд, ба чӣ гуна ранг гул мепартофтанд, таркиби сир чӣ гуна буд ва ғ.

Анвои зарфҳои сафолии асрҳои IX–X низ ниҳоят гуногун буд – аз хумҳои калон то пиёлачаву табақчаҳо сохта мешуд. Нуқтаи олии комёбии санъати кулолии он давра истеҳсоли зарфҳои сирдор мебошад. Талабот ба зарфҳои сирдор хеле калон буд ва бинобар ин бисёр истеҳсол карда мешуд.



Табақи сирдори асрҳои IX–X. Самарқанд

Кулолони асрҳои IX–X навъҳои гуногуни сирро тайёр карда метавонистанд. Аввалҳо сири ишқориро ба кор мебурданд, баъд сире маъмул гардид, ки аз сурб тайёр мекарданд ва сифати ин сир хеле баланд буд. Сири сурбӣ худ ранг надошт, яъне шаффоф буд ва ин имкон медод, ки пеш аз андудани сир рӯйи зарф бо нақшу нигори дилхоҳ оро дода шавад. Кулолони он давра ба таркиби сир ба миқдори муайян қалъагӣ ҳамроҳ карда, онро «рангдор» мекарданд, яъне сир дигар шаффоф нашуда, одатан сабзтоб ё ширатоб мешуд.

Дар асрҳои IX–X зарфҳои нақшини сирдор хеле гуногун буданд. Тайёр кардани ин гуна зарфҳо санъату маҳорати баландро тақозо дошт. Аввал худи зарфро дар чархи кулолӣ месохтанд ва баъди хушконидан рӯйи онро барои нақш тайёр мекарданд – барои ин ба рӯйи он ангоб мемолиданд. Ангоб лойобаи махсус мебошад, ки аз хоки ниҳоят маҳин бехташуда бо усули махсус тайёр мекарданд ва одатан ба он ранге меомехтанд. Дар асрҳои IX–X асосан

ангоби сафед, сурх ва сиёҳро истифода мебурданд. Баъди молидани ангоб рӯйи зарф хеле силиқу суфта мешуд ва барои гулпартоӣ заминаи мувофиқ ба вуҷуд меомад. Пас аз ин бори дигар зарфи ангобандударо хушконида, баъд ба рӯйи он гул мепартофтанд, нақш мекашиданд ва охири охирон ба хумдон андохта мепухтанд. Ҳамин ки пухт, баъди хушк шудан ба рӯйи зарф сир медавониданд ва бори дувум мепухтанд. Барои тайёр кардани ин гуна зарф, барои ин ки шакли гулу нақш ва ё худ тобиши ранг вайрон нашавад, амиқу дақиқ донистан шарт буд, ки баъди ду бор пухта шудан дар таркиби масолеҳи зарф чи гуна тағйирот хоҳад шуд.

Дар байни зарфҳои нақшини сирдори асрҳои IX–X бештар аз ҳама косаву табақҳои гуногун буданд. Шакли онҳо аз ҳамдигир фарқи казоӣ надошт, фақат баъзе ҷузъҳои онҳо фарқ мекарданд ва асосан фарқ дар андозаи онҳо буд. Ғайр аз косаву табақ бо усули мазкур, инчунин кӯза, чароғи сиёҳ ва баъзе дигар ашёи майдаву чуйдаи рӯзгор истеҳсол карда мешуд.

Яке аз роҳҳои ороиши зарфҳои рӯзгор катиба буд. Катибаро асосан дар лаби пиёлаву коса, табақ ё худ дар мобайн ҷой медоданд. Катиба инчунин дар рӯйи кӯзаву кӯзачаҳо ва чароғи сиёҳ ҳам дида мешавад. Катиба одатан бо хатти зебову хоно, ки низ анъанаи худро дошт, анҷом дода мешуд. Мазмуни катибаҳо гуногун аст: «Хайроту баракот ба соҳиби ин чиз», «Баракот», «Хайрот», «Ош шавад» ва ғ. Дар баъзе ҷойҳо катиба умуман таъбирҳои гуногун аст: «Аввали дониш талх асту анҷомаш ширин», «Саховат пешаи мардон», «Саховат посбони ҳиммату давлат аст» ва ғ.

Аксаран нақши ин гуна зарфҳо нақши одии ислимӣ – яъне тасвири печдарпечи шаклҳои ҳандасӣ ва наботӣ аст, вале тасвири махлуқот низ ба назар мерасад, масалан, тасвири мурғон бисёр аст.

Дигар навъи нақш рангубори мармарӣ мебошад. Барои офаридани ин нақш рангҳои гуногунро бе ягон тартиби муайян болои ҳам порча-порча мемолиданд ва дар ин ҳолат ягон нақши муайяни маънодор пайдо намешуд. Дар ин гуна нақш на шакли муайяни он, балки тобиши он, мувофиқати пораҳои ранг ва ҷилои он муҳим буд.

Ҳамчун усули иловагии ороиши зарфҳои сафолӣ усули нақр, яъне харошида баровардани нақшро низ кор мефармуданд, ки он асосан дар зарфҳои нақшашон мармарӣ ё худ зарфҳои сирдори сабз дида мешавад. Ҷойи харош бо сир пур карда мешуд ва дар заминаи сабзи рӯйи зарф нақши барҷастае ба вуҷуд меомад, ки асосан аз тасвири шаклҳои ҳандасию наботӣ ва расми мурғон иборат буд.

Сафолоти асрҳои IX–X, бе шакку шубҳа, далолат мекунад, ки дар он давра ҳосилнокии меҳнат хеле ривоҷ ёфта, бисёр дигар тарзу усулҳои кор азхуд карда, таркибу сифати сир хеле такмил дода шуд, дар нақшу нигори зарф низ хеле комёбиҳо дастрас гардид ва миқдори истеҳсоли зарфҳои сафолӣ хеле афзуд.

## Дигар намудҳои касбу ҳунар

Дигар намудҳои касбу ҳунар ва маҳсулоти онҳоро, ба мисли шишагарӣ ё кулолӣ, ин қадар муфассал тавсиф кардан аз имкон берун аст. Дар ин ҳолат мо асосан ба маъхазҳои хаттӣ истинод карда метавонем. Маъхазҳои хаттӣ бошад, аниқу дақиқ хабар медиҳанд, ки дар асрҳои IX–X бисёр касбу ҳунар равнақу ривоҷи аъло дошт ва маҳсулоти аксари касбҳо басо хушсифат буданд ва берун аз хоки Осиёи Миёна ҳам шуҳрат доштанд. Чунин иддаои Истахрӣ низ беҳуда набуд, ки мардуми Мовароуннаҳр ба моли дигар мамлакатҳо эҳтиёҷ надоштанд, зеро ҳама чизи заруриро худ фаровон истеҳсол мекарданд.

Бофандагӣ низ хеле равнақу ривоҷ дошт – моли бисёре истеҳсол мешуд, анвои матоъҳо сершумор ва сифати онҳо хеле баланд буд.

Матоъ асосан аз абрешим, пахта ва катон бофта мешуд. Осиёи Миёна макони бисёр навъҳои олидараҷаи матоъ мебошад. Бофандагони Осиёи Миёна, инчунин истеҳсоли баъзе намудҳои газворҳои хориҷиро низ ба роҳ монда буданд.

Дар байни навъҳои маҳаллии матоъ газвори пахтагии ведарӣ мақоми махсус дошт. Номи ин матоъ аз Ведар ном деҳае гирифта шудааст, ки дар қарибии Самарқанд воқеъ буд, вале ин гуна матоъ дар дигар маҳалҳои Осиёи Миёна ҳам бисёр бофта мешуд. Талабот ба ин матоъ на фақат дар худи Осиёи Миёна ниҳоят калон буд, балки берун аз хоки Осиёи Миёна ҳам бозори он хеле тез буд. Ба қавли Ибни Ҳавкал, «онро набурида ба шакли пораҳои бутун ба тан мепечониданд ва дар Хуросон ҳеҷ амиру вазир, қозию бой, омию сарбоз набуд, ки аз болои либоси зимистонӣ матои ведарӣ напартояд, барбастани матои ведарӣ аломати назокат ва зинат буд, зеро ранги матоъ ба ранги зари холис майл мекунад ва бағоят назаррабо ва хушҷило аст, худи матоъ ниҳоят бадошт, вале суфтаву маҳини ҳарир мебошад ва як либосвории он аз ду то ба сӣ динор арзиш дорад, худи ман як либоси онро панҷ сол пӯшидам. Барои ин матоъ аз Ироқ (Бобул) меоянд ва ба он ҷо мебаранд ва аз пӯшидани он ифтихор мекунанд».[44]

Маҳсулоти корхонаи махсуси бофандагӣ, ки дар шафати арки Бухоро воқеъ буда, матои зебои сурх, сабз ва сафед мебаровард, шуҳрати тамом дошт. Аз номи деҳаи Занданеи қарибии Бухоро номи карбоси машҳури занданечӣ баромадааст, ки дар бисёр дигар ҷойҳо ҳам бофта мешуд ва дар бисёр ҷойҳо ба фурӯш мерафт. Замоне карбоси занданечӣ аз абрешим бофта мешуд ва намунаи шоҳии занданечии он давраҳо дар баъзе музейҳои ҷаҳон маҳфуз мебошад. Дар паси яке аз ин намунаҳо хатти суғдӣ низ ҳаст (бо ранги сиёҳ андозаи матоъ ва номи он навишта шудааст). Тарзи бофт, ранг ва нақшу нигори занданечии асрҳои VII–VIII нағз тадқиқ карда шудааст.[45] Вале аниқ маълум не, ки занданечии асрҳои IX–X чи гуна буд, фақат тахмин меравад, ки тақрибан аз охири асрҳои X сар карда, онро танҳо аз нахи пахта мебофтанд ва дар ин бора Наршахӣ ҳам ишорат мекунад: «Он чи аз вай (Зандане) хезад, онро

[44] Ибни Ҳавкал, BGA, II, с. 403. Тарҷумаи русии ин порчаро ниг. дар: Бартолд В.В., 1965, с. 441.
[45] Беленитский А.М., Бентович И.Б., 1961, с. 61–78.

занданечӣ гӯянд, ки карбос бошад, яъне аз деҳаи Зандане, ҳам некӯ бошад ва ҳам бисёр бувад».[46]

Дар маъхазҳо бисёр дигар навъҳои матоъ низ зикр шудааст (газворҳои пахтагӣ, абрешимӣ, зарбофт ва ғ.). Вале машҳуртарин он газвори Марв буд.[47] Ин газворҳо ба дараҷае хушсифату машҳур буданд, ки тақлидан ба онҳо дар дигар ҷойҳо ҳам истеҳсол карда мешуд ва миқдори зиёди он берун аз хоки Осиёи Миёна ба фурӯш мерафт.

Баъзе пораҳои хурди газвори асрҳои IX–X Осиёи Миёна то ба рӯзҳои мо омада расидаанд. Дар қабрҳои асримиёнагии Миср дар байни газворҳои қадимӣ чанд пора катони марвӣ низ боқӣ мондааст, ки дар асри IX бофта шуда буд. Дар ин порчаҳо хат ҳаст, якеи он, ҳатто нақш ҳам дорад.

Пораи газвори миёнаҳои асри X ҷолиби диққат аст, ки дар он номи соҳибаш навишта шудааст ва ӯ яке аз лашкаркашони сомонӣ будааст. Дар миёнҷои ин пора расми ду фил ва дар байни он ду фил, ду грифони болдор кашида шудааст.

Зеҳи матоъ иборат аз чанд навораи нақшин аст, ки дар онҳо ё хат навишта шудааст ё корвон тасвир ёфтааст. Тамоми ин нақшу нигор ва мавзӯи он худи ҳамон нақшу нигорест, ки дар давраҳои пеш вуҷуд дошт ва акнун бо тарзи андаке наву мукаммал такрор шуда буд.[48]

Маснуоти филизӣ ҳам хеле маъмул буд. Як қисми он барои таъмини талаботи мардуми маҳаллӣ сарф шавад, қисми дигари он ба фурӯш мерафт. Аз ҷумлаи чунин маснуоти филизӣ Мақдисӣ фонусҳои мисини Бухоро, зарфҳои қалъагии Рабинҷон, дегҳои мисин ва рикобҳои Самарқанд, қайчиву сӯзанҳои Шош, яроқу аслиҳаи Фарғонаву Исфиҷоб ва ғайраро номбар кардааст. Яроқу аслиҳаи Фарғона ба дараҷае шуҳрат дошт, ки ба бисёр мамлакатҳо ва ҳатто то ба худи Бағдод бурда мешуд.

Бо фармони халифа Ҳорунаррашид (786–809) фақат дар коғаз навиштан мумкин буд. Ба ин сабаб папирус ва дигар чизҳое, ки ба рӯяш хат менавиштанд, аз истеъмол баромад. Дар муддати мадид ягона шаҳре, ки тамоми мамлакатҳои хилофати арабро бо коғаз таъмин мекард, Самарқанди нимаи дувуми асри VIII ва аввали асри X буд. Маҳз дар корхонаҳои ҳамин шаҳр коғази латтагӣ тайёр карда мешуд, ки онро коғази самарқандӣ (ва баъзан хуросонӣ) меномиданд. Номи шаш навъи ин гуна коғаз маълум аст. Дар асри X тарзи тайёр кардани коғаз ошкор шуда, дар дигар ҷойҳо берун аз хоки Осиёи Миёна, то худи Сурия паҳн мешавад. Вале дар асри X ҳам Самарқанд ҷойи асосии истеҳсоли коғаз буд. Ал-Хоразмӣ ҳазломез менависад, ки яке аз дӯстонаш ба вай хат наменависад, зеро хонааш аз Самарқанд дур аст ва коғаз ба вай басо гарон меафтад.[49]

Чармгарӣ ва истеҳсоли маснуоти пашмӣ низ дар бисёр ҷойҳо равнақу ривоҷи тамом дошт ва аз чарму пашм маснуоти зиёде истеҳсол карда мешуд.

Ҳоҷат ба он нест, ки тамоми навъҳои касбу ҳунарро як-як номбар кунем ва рости гап, дар маъхазҳои хаттӣ ҳам, на ҳамаи онҳо зикр шудаанд. Оё мо гуфта

---

46 Наршахӣ, Теҳрон, с. 17.

47 Крачковская В.А., 1949, с. 4 ва мобаъд; 1958, с. 615 ва мобаъд.

48 Дар бораи тадқиқи мукаммалу муфассали таърихи бофандагии Шарқи «исломӣ» ниг. ба: Serjeant R., 1946, vol. IX–XVI (дар бораи газворҳои Хуросон ва Осиёи Миёна –vol. XI–XII).

49 Grohmann A., 1954, s. 74–76; Мец А., 1966, с. 363, 364.

метавонем, ки дар ҳамон давраҳо ҷамъиятҳои муташаккили косибон вуҷуд дошт? Маъхазҳо бевосита ба ин ишорат намекунанд[50], вале далелҳои бевосита, аз ҷумла далелҳои таърихию топографӣ ба мо имкон медиҳанд иддао намоем, ки вуҷуд доштани чунин ҷамъиятҳо аз эҳтимол дур набуд.

Инаш хеле муҳимтар мебошад, ки хабари маъхазҳои хаттӣ дар бораи ба миқдори зиёд содир шудани маснуоти косибию ҳунармандӣ ва инчунин намунаҳои он маснуоти косибии асрҳои IX–X (сафолот, шиша, матоъ), ки ба мо дастрас шудааст, равшану возеҳ шаҳодат медиҳанд, ки дар он давра истеҳсоли молӣ хеле тараққӣ карда буд ва инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда низ ба дараҷае расида буд, ки барои хеле хушсифат баровардани на фақат молҳои нодири камистеъмол, балки молҳои маъмули серистеъмол ҳам имконият фароҳам меовард.

## Бинокорӣ ва меъморӣ

Дар маъхазҳои хаттӣ хабар дода мешавад, ки дар асрҳои IX–X бисёр бинову иморатҳо сохта шуда буд, вале аз онҳо хеле кам то ба рӯзҳои мо омада расидаанд.[51]

Бисёр кӯшку қасрҳо, сарою дӯконҳо, масҷиду мадрасаҳову мақбараҳо сохта шуда буданд. Масолеҳи бинокорӣ асосан гил, похса ва хишти хом буд. Чӯб ҳам бисёр истифода мешуд, сутуну болорҳои чӯбин барои меъмории асри IX–X хеле хос аст. Хишти пухта камтар истифода бурда мешуд. Вале маҳз дар ҳамин давра биноҳои муҳташам ба вуҷуд омаданд, ки аз хишти пухта сохта шуда буданд ва ин кор комёбии нав, комёбии муҳим ва прогрессивии замона буд.

Аз ҷумлаи биноҳои муҳташами асрҳои IX–X хубтар аз ҳама мақбараҳо тадқиқ шудаанд. Алҳол чор мақбараи он давра маълум аст – мақбараи Сомониён дар Бухоро, мақбараи Арабато дар Тим, мақбараи Мирсаидбаҳром дар Кармина ва мақбараи Оқ-Остонабобо дар қарибии Узун.

Мувофиқи эътирофи умум, мақбараи Сомониён осори беназиру беҳамтои санъати меъмории асримиёнагии Осиёи Миёна мебошад. Зоҳиран мақбара шакли мураккаб надорад – ин як иншооти мукаабшаклест, ки болояш бо гунбаз пӯшида шудааст. Андозаи мақбара ҳам калон нест, вале басо босалобат ва бошукӯҳ менамояд. Дар айни ҳол ниҳоят муносиб афтидани нақшҳои амудию уфуқи девор, зебу ороиши берунии бино тамоми иморатро бағоят нафису латиф нишон медиҳанд.

Ҳар чор намои бино якранг зеб доранд. Саросари болои деворро қатори равоқчаҳо печонида гирифтаанд. Поёнтар аз қатори равоқчаҳо худи девор сар шуда, масоҳати ҳар як намои он гӯё ба се қисм тақсим карда шудааст – дар мобайн як чоркунҷаи калон, ки дар миёнҷои он равоқ ва дари даромад ҷой гирифтааст, аз ду тарафи ин чоркунҷаи равоқдор боз ба масоҳати муайян девор тӯл кашида, то гӯшаи иморат мерасад, гӯшаи иморат бошад, ба шакли

---

[50] Lewis B., 1937, Spuler B., 1952, s. 398.

[51] Доир ба осори меъмории ин давра асарҳои зиёд таълиф шудааст, масалан, ниг.: Булатов М. С, 1953; 1962; Воронина В. Л., 1954; 1950; Денике Г.Л., 1954; Литвинский Б.А., 1953; Нилсен В.А., 1950; Писарчик А.К., 1944; Пугаченкова Г. А., 1960: 1963 б; Пугаченкова Г.А. ва Ремпел Л.И., 1955 ва диг.

сутуни ғафсу мустаҳками як тарафаш бо девор пайваст сохта шудааст. Даромадгоҳ низ гӯё аз чанд қисм иборат аст–пеш аз ҳама, даромадгоҳ аз пеш як равоқ ва дар паси ин равоқ боз як равоқи хурдтаре дорад ва ду пояи ҳарду равоқ ба сутунчаҳо такя шудаанд – ҳамаи ин даромадгоҳи мақбараро хеле дарундор карда нишон медиҳад.

Аз дарун девори бино ба гунбаз бо шарафаҳое пайваста шудаст, ки ҳар як нӯги он ба кунҷе такя мекунад ва бо ҳамин чоркунҷа ба ҳашткунҷа мубаддал мешавад. Умуман, даруни бино ҳам мисли беруни он ба пораҳои муайян ҷудо карда шудааст– боз худи ҳамон чоркунҷа, ки дар миёнҷои он дари баромад ҷой гирифтааст, боз ҳамон қатори уфуқии равоқчаҳои боло. Дар байни шарафаҳо ва қатори равоқчаҳои берун дар мағзи девор кодоки танге ҳаст, ки тамоми биноро печонида гирифтааст.

Воситаи асосии ороиши бино хишти пухта ва намуди асосии нақш тарзи гуногуни чидани хишт аст. Нақше, ки дар натиҷаи ба тарзи гуногун чидани хишт пайдо шудааст, басо одӣ ва дар айни ҳол хеле зебо ва шинам аст.

Тақрибан ҳар як ҷузъиёти тарҳу лоиҳа ва нақшу нигоре, ки дар мақбараи Сомониён ҳаст, дар санъати меъмории қадимтари Суғд ҳам ба худ як шабеҳ дорад. Мақбараи Сомониён гӯё муҷассамаи равнақуривоҷи санъати чандин-асраи меъморӣ буда, тамоми комёбиҳои онро дар бар гирифтааст. Дар айни ҳол, хишти пухта ба воситаи асосии бинокорӣ ва ороиш табдил ёфта, барои меъморон имкониятҳои нав фароҳам овард ва меъморон чунин имконро бо маҳорати тамом истифода бурданд.

Мақбараи Сомониён дар охири асри IX ва аввали X бино шуда буд, мақбараи Арабато бошад, мувофиқи хатти девори худи мақбара дар соли 977–78 сохта шудааст. Чи тавре мебинем, санаи иморати онҳо фарқи казоӣ надорад. Вале дар ҳамин муддати кӯтоҳ ҳам ҷустуҷӯи ҷиддии афкори меъморӣ боиси пайдоиши шакли нави мақбара гардид, ки онро мақбараи пештоқии гунбазӣ меноманд.

Мақбараи Арабато ҳам бинои мукаабшакли гунбазпӯш аст, вале фақат аз як тараф даромадгоҳ дорад ва тарафи даромадгоҳ бо пештоқи баланди муҳташам зинат дода шудааст, ки қади он аз қади девор ҳам баланд буда, ҳатто қисми зиёди гунбазро ҳам панаҳ кардааст.

Пештоқ саросар бо нақши зебои барҷаста оро дода шудааст, ки он пештоқро, ҳам боҳашамат ва ҳам назаррабо нишон медиҳад. Дар болои даромадгоҳ тоқчаҳои ороишӣ ба назар мерасанд. Тарҳи даруни мақбараро ҳам асосан ба се порча тақсим кардан мумкин (яъне сатҳи худи девор, қисми тараф ва баъди он худи гунбаз), лекин тарафи ин мақбара сохти дигар дорад ва он дуқабата мебошад. Барои ороиши мақбара масолеҳ ва воситаҳои гуногунро кор фармудаанд. Дар ороиши ин мақбара, ҳам усули бо чидани хишт нақш партофтан ва ҳам гаҷкорӣ ва ҳам гулпартоӣ бо хиштҳои сайқалӣ ва ҳам сабти катиба дар заминаи нақши ислимӣ ва ғ. истифода шудааст. Умуман, дар сохту нақшунигори ин мақбара ҳам аломатҳои меъмории қадимии суғдиро дидан мумкин аст, вале бештар аз он нишонаҳои нав ба назар мерасанд, ки баъдтар хеле такмил ёфта, дар осори меъмории асрҳои XI–XII равшан муҷассам мегарданд.

Таҳлили таносуби ин ду мақбара нишон дод, ки онҳо аз рӯйи лоиҳаи пешакӣ сохта шудаанд ва зотан ҳар як андозаи онҳо ба нисбати муайян

мувофиқат мекунанд ва он нисбати тарафҳои чоркунҷа ба диагонали он аст. Ин қонунияти риёзӣ дар бисёр иморатҳои бошукӯҳ бо маҳорати тамом муҷассам гардида, намуди зебо ва мутаносиби Арабато ва алалхусус, мақбараи Сомониёнро таъмин намудааст.



Мақбараи Араб-ато дар Тим. Солҳои 977–978

Дар ин давра намуди ҳавлиҳои феодалӣ ҳам дигар шуда, ҷиҳати истеҳкоми он, яъне ҷиҳати мудофиавии он ба мадди сонӣ гузашта, ҷиҳати обод ва бароҳат будани он ба мадди аввал мегузарад. Яке аз чунин ҳавлиҳо ҳавлии Қирққиз мебошад, ки дар Тирмиз воқеъ аст. Ҳавлӣ аз хиштҳои калон-калони хом ва аз хиштҳои муқаррарии пухта сохта шудааст. Ҳавлӣ даҳҳо бинову иморатҳои гуногун дорад, ки дар ду қабат ҷой гирифтаанд ва бо гунбазу бомҳои гуногуншакл пӯшида шудаанд. Тарҳи Қирққиз низ чоркунҷаи мукааб аст ва дар ҳар гӯшааш бурҷе дорад. Вале девори ҳавлӣ на он деворҳои пештараи рахнанопазири ғафс аст. Даромадгоҳи ҳавлӣ ягон ҷиҳоз ё иншооти мудофиавӣ надорад, девор ҳам саросар пур аз тиреза буда, ҳатто дар бурҷҳо тиркаш нест.

Дар димнаи Афросиёб боқимондаи қасри Сомониён кашф шуд, ки он низ аз хишти хом сохта шудааст. Яке аз толорҳои қаср нақшу нигор доштааст ва аз он пораи идораву арақаи рангину нақшин ва инчунин пораҳои тасвири рӯйи девор боқӣ мондааст. Изора иборат аз лавҳаҳои калони чоркунҷаест, ки дар миёнҷояш нақши колони ислимӣ дорад ва андаруни ин нақш боз нақши хурдтари наботӣ менамояд. Андоваи нақрдори қасри Сомониён далолат мекунад, ки гаҷбурони он давра соҳиби санъат, маҳорат ва завқи баланд будаанд.

Намунаи чӯбҳои кандакорӣ низ ҷолиби диққат мебошад. Дар ин бобат меҳроби масҷиди Искодар, сарсутунҳои Сангистон ва сутунҳои болооби Зарафшонро ном бурдан мумкин аст. Алалхусус меҳроби Искодар ҷолиби диққат мебошад – ин осори нодири санъат бе ягон мех ва ё ширеш сохта шуда, саросар кандакорӣ карда шудааст ва кандакорӣ аз ҳошияҳои катибаи куфӣ, нақши калон-калони занҷира ва резанақши ислимӣ иборат мебошанд. Сутунҳои Курут, Оббурдон ва Фатмев ва сарсутунҳои Сангистон ҳам хело хуштаносуб ва назаррабо менамоянд. Ин сутунҳо низ мувофиқи анъанаи қадимии санъати суғдӣ оро дода шуда бошанд ҳам, дар онҳо унсурҳои нав низ ба назар мерасанд. Бомаи ин сутунҳо бо усули чуқур кандакорӣ шуда, асосан аз нақши наботӣ ва тасвири шартии ҳайвонот таркиб ёфтааст. Тасвири шартии ҳайвонот (моҳӣ, паранда, гӯсфанд ва ғ.), алалхусус дар сутуни Оббурдон ва сарсутуни Сангистон зиёд аст.

## Тиҷорат ва муомилоти пул

Калонтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои IX–X марказҳои тиҷорати дохили вилоятҳо, байни вилоятҳо ва баъзеи онҳо маркази тиҷорати байни мамлакатҳо буданд. Вале тиҷорат на фақат дар ин гуна марказҳои савдою ҳунармандӣ равнақуривоҷ дошт, балки инчунин дар бисёр деҳаҳо низ (алалхусус, дар ҷое ки ин ё он намуди касбу ҳунар пеш рафта бошад) хеле инкишоф ёфта буд. Дар ин бобат маълумоте, ки Наршахӣ дар бораи деҳаҳои атрофи Бухоро овардааст, ҷолиби диққат мебошад. Дар ин деҳаҳо ҳафтае як бор рӯзи бозор мешуд ва дар ин рӯз мардуми зиёде ҷамъ меомад. Дар баъзе деҳаҳо бозорҳои солона ҳам мешуд, ки 10 ва ҳатто 20 рӯз давом мекард. Ба ин гуна бозорҳои солона аз ҷойҳои дур низ тоҷирон меомаданд ва на фақат барои таъмини эҳтиёҷи худ, балки асосан барои фурӯш моли бисёре мехариданд, зеро моли ин деҳаҳо, хусусан газворҳои онҳо берун аз хоки Осиёи Миёна ҳам нағз

ба фурӯш мерафт. Савдогарони калони худи ин деҳаҳо ҳам ба андозаи зиёд тиҷорат мекарданд.[52]

Дар бораи вазъият, дараҷаи равнақу ривоҷ ва баъзе хусусиятҳои савдои дохилии онвақта тангаҳои он давраҳо, хоҷагии мукаммали пулӣ ва хусусияти аниқу дақиқи таърихии муомилоти пулӣ мадракоти пурарзиш медиҳад.[53]

Тангаҳои тилло (динорҳо) дар давраи Сомониён хеле бисёр баровarда мешуд, вале миқдори бештари онҳоро берун аз ҳудуди Осиёи Миёна сикка мезаданд. Сиккахонаҳои Осиёи Миёна бошад, фақат гоҳ-гоҳ динор мебароварданд. Вале дигар ҷиҳати ин масъала ҷолиби диққат аст – мувофиқи хабари маъхазҳои таърихӣ ин динорҳо ба қимати мол роҳ доштанд, яъне мисли танга дона-дона кор фармуда намешуданд, балки фақат арзиши вазни онҳо ба назар гирифта мешуд. Ин иддаоро вазни худи динорҳо низ тасдиқ менамояд, яъне вазни динорҳо аз ҳамдигар он қадар фарқи калон дорад, ки донабайъ истифода шудани онҳо тамоман аз имкон берун аст.

Аммо тангаҳои тилло дар асрҳои минбаъда ҳам, яъне дар асрҳои XI–XIII донабайъ не, балки ба арзиши вазн истифода мешуданд, вале дар ин давраҳо онҳо, инчунин дар муомилоти ҳақиқии савдо низ ба кор мерафтанд. Дар асрҳои IX–X бошад, онҳо амалан воситаи муомилот набуданд. Дар омади гап гуфтан лозим, ки Истахрӣ ҳам дар бораи тангаҳои Бухоро сухан ронда менависад, ки: «дар Бухоро бо динор тиҷорат намекунанд». Ибни Фазлон ҳам, ки соли 921 ба Бухоро омада буд ва ба тадқиқи пулҳои Бухоро мароқи калон дошт ва онҳоро хеле муфассал тасвир карда буд, динорҳои тиллоиро, ҳатто номбар ҳам намекунад. Аз афти кор, динорҳои тилло фақат василаи андӯхт буданд, яъне онҳоро ҷамъ карда, дар хазина нигоҳ медоштанд. Агар дараҷаи нархҳои он давра ва миқдори тиҷоратро ба назар гирем, ҳатто калонтарин харидуфурӯшро бо пули нуқра, бо дирамҳо анҷом додан мумкин буд.

Дар асрҳои IX–X дар давлати Тоҳириён ва Сомониён намудҳои гуногуни дирамҳо сикка зада мешуд ва ҳар як дирам номи махсус ва қадри махсус дошт. Аз асри IX, алалхусус аз асри X сар карда, сиккаи мунтазами дирамҳои умумидавлатии нуқра оғоз ёфт. Дар ин дирамҳо ягон расме нест, фақат хатти арабии куфӣ ҳасту бас. Дар асри X ин тангаҳоро аз номи Исмоили Сомонӣ тангаҳои «исмоилӣ» меномидагӣ шуданд. Аҷоибаш ҳамин, ки тангаҳои «исмоилӣ» дар худи Осиёи Миёна кам ёфт шудаанд, ҳол он ки дар Аврупои шарқӣ ва дар ноҳияҳои Назди Балтика садҳо ганҷинаҳои пули ин гуна дирамҳо ба даст омаданд. Аз ин бармеояд, ки пулҳои «исмоилӣ», пеш аз ҳама, воситаи тиҷорат буданд, гарчанде дар ҳаёти иқтисодии дохили мамлакат ҳам мақоми муайяне доштанд. Тадқиқи таркиби нуқраи он ва вазни он иддаои болоии моро тасдиқ менамояд. Аввалҳо меъёри он олӣ ва вазни ҳар як танга аниқ буд ва ин нишон медиҳад, ки пули исмоилӣ дар дохили мамлакат чун воситаи муомилот бояд донабайъ ба кор мерафт ва дарвоқеъ, чунин ҳам буд. Вақте маълум шуд, ки аксари тангаҳои исмоилӣ аздусар ба хориҷа мераванд ва дар хориҷа бошад, тангаҳо на донабайъ, балки аз рӯйи вазни худ истифода мешаванд, ба ин сабаб ҳукумати Сомониён қарор дод, ки сиккаи онро камхарҷу осонтар кунад. Дарвоқеъ, сӣ сол ҳам нагузашта вазни дирамҳои

[52] Наршахӣ, Теҳрон, с. 13 ва мобаъд.
[53] Давидович Е.А., 1966, с. 103–134.

исмоилӣ тамоман дигар шуд ва вазни тангаҳо аз ҳамдигар тафовути калон пайдо кард. Инчунин таркиби пули нуқра ҳам тағйир ёфт. Ин гуна тангаҳо дар дохили мамлакат донабайъ истифода шуда наметавонистанд ва ин бевосита набошад ҳам, равшан нишон медиҳад, ки дирамҳои исмоилӣ дар савдои дохилӣ мавқеи казоӣ надоштанд. Эҳтимол, онҳо ҳам, мисли тилло, фақат аҳён-аҳён дар бозори дохилӣ ба кор мерафтанд.

Воситаи асосии муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна дар асрҳои IX–X дирамҳое буданд, ки дар маъхазҳо дирамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ ё қитрифӣ номида шудаанд. Ин тангаҳо бархилофи дирамҳои исмоилӣ хеле кам хат, вале хеле зиёд сурат доштанд. Сурати асосии рӯйи ин тангаҳо чунин буд, дар як тарафаш сурати аз миён болои подшоҳ ва дар тарафи дигари он назргоҳи муқаддас бо оташу посбонон. Ин суратҳо тасвири схематикии суратҳои тангаҳои яке аз шоҳони Сосониён мебошад, ки дар асри V ҳукм меронд. Яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти он давра ҳамин буд, ки хироҷ маҳз бо ҳамин се хели тангаи суратдор дода мешуд, вале ҳар як вилоят ҳақ надошт, ки бо кадом намуди ин тангаҳо хоҳад, бо ҳамон хироҷи худро диҳад, балки ҳар як вилоят уҳдадор буд, ки хироҷи худро фақат бо ҳамон навъи тангаҳо диҳад, ки барои он вилоят муқаррар шудааст. Масалан, вилояти Шош, ки конҳои зиёд дошт ва шаҳри Хуҷанд хироҷи худро фақат бо дирамҳои мусайябӣ бояд медод, ки таркиби нуқраи ин дирамҳо хеле тоза буд. Суғд ва маркази он Самарқанд, инчунин Фарғона чун хироҷ бояд дирами муҳаммадӣ медоданд. Бухоро бошад, фақат дирами қитрифӣ медод ва ғайра. Хироҷи вилояти Уструшан бошад, 48 ҳазор дирами муҳаммадӣ ва 2 ҳазор дирами мусайябӣ буд.

Аз ин мебарояд, ки ин се намуди дирам аз ҳамдигар фарқи калон доштаанд, вагарна ҳар як вилоят метавонист хироҷи худро ба ҳамон дираме диҳад, ки мехоҳад. Дар бобати фарқи дирамҳо ду ақида ҳаст – мувофиқи ақидаи якум фарқи дирамҳо фақат дар хатти арабии онҳо мебошад,[54] мувофиқи ақидаи дувум бошад, фарқ дар таркиби онҳост[55]. Ақидаи дувумро баъзе маъхазҳо ҳам тасдиқ мекунанд. Мусайябӣ аз нуқраи холис сикка зада мешуд ва беҳуда Ибни Ҳавкал низ нанавишта буд, ки мусайябӣ «ганҷинаи онҳост». Истахрӣ роҷеъ ба дирамҳои муҳаммадӣ менависад, ки таркиби онҳо оҳан, мис, нуқра ва ғайра дошт, яъне ин тангаҳо аз нуқраи холис набуданд. Тангаҳои қитрифӣ фақат аз биринҷӣ сикка зада мешуданд. Аз ин рӯ, қурби онҳо низ ҳар хел буд, яъне ба дирами мусайябӣ аз ҳама зиёдтар ва ба. дирами қитрифӣ аз ҳама камтар чиз фурӯхта мешуд. Вале яке аз хусусиятҳои аҷоиби муомилоти пулии асрҳои IX–X ин аст, ки ҳар се тангаи номбурда аз тангаи нуқраи давлатии исмоилӣ бақурбтар ба ҳисоб мерафтанд, яъне ҳатто тангаи биринҷии қитрифӣ аз тангаи исмоилӣ бақурбтар ҳисоб мешуд ва ба он бисёртар чиз харидан мумкин буд.

Дар савдои чакана пули сиёҳ, ё худ фулус ба кор мерафт. Миқдори муайяни фулус бо як тангаи нуқра баробар карда мешуд, вале ин миқдор дар ҳар ҷо ҳар хел буд. Масалан, дар Бухоро як тангаи нуқра 24 фулус буд. Фулус одатан дар худи ҳудуди вилоят ба кор мерафт, вале амалан аз ҳудуди вилоят берун ҳам истифода мешуд, лекин дар ин сурат қурби он андак паст мегашт. Чунончи,

[54] Markoff A., 1891; Лерх П. И., 1909; Walker S., 1941; Массон М. Е., 1965 а ва диг.
[55] Давидович Е. А., 1966.

дар худи ҳамон соли 921 дар Бухоро ба як фулуси Самарқанд фақат 2/3 ҳиссаи он чизро харидан мумкин буд, ки ба як фулуси Бухоро ба фурӯш мерафт.

Хусусияти муомилоти дирамҳои мусайябӣ, муҳаммадӣ, қитрифӣ ва фулус далолат менамояд, ки ҳатто дар асри X, дар аҳди давлати ба таври кофӣ мутамаркази Сомониён Осиёи Миёна аз ҷиҳати иқтисодӣ як чизи том набуд. Ҳудуди вилоятҳои алоҳидаи иқтисодӣ равшан намоёнанд, ки ҳар яке соҳиби бозори худ буданд. Ин бозорҳои вилоятӣ ба равнақу ривоҷи равобити тиҷоратӣ нигоҳ накарда, муддате маҳдудияти худро пойдор доштанд ва ҳатто соҳиби пули махсуси худ ҳам буданд. Ба ин сабаб ҳукумат маҷбур буд, ки ин хусусияту анъанаҳоро ба инобат гирад.

Дар ин давра равобити тиҷоратии Мовароуннаҳр бо Шарқу Ғарб, алалхусус бо мамлакатҳои Шарқи Наздик, бо кӯчманчиёни шимолу шарқ хеле авҷ гирифт. Анвои моли тиҷорат, ки Мовароуннаҳр мебаровард, низ хеле зиёд шуд. Акнун бештар молҳое ба фурӯш мерафт, ки барои истеъмоли шахсии мардум ва барои эҳтиёҷи касбу ҳунар лозим буданд. Роҳи корвонгузар байни Шарқи Наздик ва Хитой аз Мовароуннаҳр мегузашт. Ин роҳ аз кишварҳои соҳили баҳри Миёназамин сар шуда, аз Бағдод, Ҳамадон, Нишопур, Марв, Омул гузашта, ба Бухоро меомад ва аз ин ҷо давом ёфта, аз Самарқанд мегузашту Шом, Тароз, Балосоғун, Суйоб ва соҳили ҷанубии Иссиқкӯлро тай намуда, ба Муғулистон ва аз он ҷо ба Хитой гузашта мерафт.

Корвонҳо баъзан ниҳоят калон мешуданд. Масалан, Ибни Фазлон, ки солҳои 921–922 ба сифати котиби сафорати халифа Муқтадир ба мулки Булғор сафар карда буд, менависад, ки корвони сафир аз 5 ҳазор кас, 3 ҳазор асп ва уштури бешумор иборат буд.[56] Аммо корвонҳои муқаррарӣ ба ҳар ҳол ин қадар калон намешуданд. Аксар вақт ба корвон ғайр аз савдогарон, инчунин косибон, ҳунармандон, олимон, рассомон, сайёҳон ҳам ҳамроҳ мешуданд. Сафирон ҳам бо корвоне мерафтанд. Дар ин хел вақтҳо корвон, дарвоқеъ, хеле калон шуда мерафт ва барои муҳофизати он дастаи махсуси мусаллаҳ низ ташкил мекарданд.

Равобити тиҷоратии Мовароуннаҳр бо Хуросону мулки Булғор низ хеле ривоҷу равнақ дошт.[57] Ибни Фазлон роҳи тиҷоратиеро, ки Осиёи Миёнаро ба кишварҳои ҷанубу шарқии Аврупо мепайваст, хеле муфассал ба қалам додааст. Пештар роҳи савдо аз Эрону Бағдод то мулки Булғор аз Кавказу мулки Хазар мегузашт. Вале дар ибтидои асри X дар аҳди халифа Муқтадир муносибати халифаи Бағдод ва подшоҳи Хазар вайрон шуд, ба ин сабаб роҳи савдо аз Мовароуннаҳр кушода шуд. Ибни Фазлон менависад, ки роҳи савдо аз Бухоро гузашта, то ба Аму мерасид ва аз ин ҷо бо роҳи обӣ то худи маркази Хоразми ҷанубӣ – шаҳри Кат рафта, баъд то Урганҷ давом мекард ва аз он ҷо ҳам гузашта, ба воситаи Эмба дар худи мулки Булғор анҷом меёфт. Чи тавре мебинем, роҳи савдо аз паҳлуи мулки Хазар гузашта, қад-қади соҳили чапи Волга тӯл мекашид. Дар сари ин роҳ бисёр работу саройҳо бунёд шуданд, ки дар он ҷойҳо мусофирон истироҳат мекарданд. Миқдори зиёди дирамҳои исмоилии Сомониён, ки дар саросари Россия, ҳатто аз худи соҳилҳои Балтик ёфт шуданд, далолат менамоянд, ки робитаи тиҷоратии байни Осиёи Миёна ва

---

[56] Ковалевский А.П., 1956, с. 128.
[57] Якубовский А.Ю., 1932, с. 12-15.

давлати Рус хеле мустаҳкам ва бо равнақу ривоҷ буд[58]. Аз мулки Булғор ба Осиёи Миёна мӯина, чарм, масолеҳи чармгарӣ (ба муносибати дар худи Осиёи Миёна ривоҷ ёфтани чармгарӣ), чорво, асал, чормағз ва ғулом меоварданд. Аз Осиёи Миёна ба кишварҳои шарқии Аврупо биринҷ, меваи хушк, матоъҳои гуногун ва беш аз ҳама дирамҳои нуқраи исмоилӣ мебурданд.

## Бухоро – маркази давлати Сомониён

Асри VIII барои аҳолии шаҳрҳои Мовароуннаҳр асри бениҳоят вазнин буд. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» навиштааст, ки арабҳо соли 709 Бухороро ишғол карда, на фақат нисфи ҳавлии ҳар як аҳолии шаҳрро кашида гирифтанд, балки як қисми калони шаҳрро тамоман аз аҳолии маҳаллӣ холӣ карда, дар он гузарҳо намояндагони қабилаҳои арабро ҷой доданд.[59] Аксари арабҳое, ки дар Бухоро сокин гаштанд, дар гузарҳои қариби Дарвозаи Куҳандизи шаҳристон мезистанд, зеро дар Бухоро ин маҳалли аз ҳама бехавфтар ҳисоб мешуд.

Ба шарофати авҷи равобити тиҷоратии Шарқи Наздик ва Мовароуннаҳр шаҳрҳои Осиёи Миёна бо суръати тамом ба шаҳрҳои ободи феодалӣ табдил ёфтан гирифтанд. Ин амр ба шаклҳои гуногун зоҳир мегардид–гоҳе сохти дохили шаҳристон дигар мешуд, гоҳе шаҳристон мартабаи худро аз даст медод ва берун аз он маркази нави ҳунармандӣ ва тиҷорат барқарор мешуд ва ғайра.

Бухоро мисоли роҳи якуми таъсиси шаҳри ободи феодалӣ мебошад. Ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии шаҳр беш аз пеш дар шаҳристони Бухоро гирд меомад; дар он ҷо бозору гузарҳои нав ба нав бунёд мегардиданд, дӯконҳои нав, корвонсаройҳои зиёд сохта мешуданд. Ба қавли Наршахӣ, ҳанӯз дар аҳди Тоҳириён дар Бухоро корхонаи калони бофандагӣ вуҷуд дошт ва аз эҳтимол дур нест, ки дар ин корхона ғуломон низ кор фармуда мешуданд. Моли ин корхона ба шаҳрҳои марказии хилофат ва ба дуртарин шаҳрҳои Шарқи Наздик ба фурӯш мерафт. Дар ҳудуди шаҳристони пештара ҳавлиҳои боҳашамати боён иморат ёфтанд, бисёр биноҳои нав сохта шуданд, ки дар онҳо идораҳои давлатӣ ҷойгир буданд. Дар баробари дигар шудани худи шаҳристони Бухоро аз ибтидои асри VIII сар карда, шаҳр ҳам аз се ҷониб васеъ шудан гирифт – аз ҷониби ҷануб, дар паси дарвозаи Атторон бозору работҳои зиёде пайдо шуданд, аз ҷанубу ғарб ва ҷанубу шарқ низ бозорҳо ва маҳаллаҳои нави косибон ба вуҷуд омаданд. Дар миёнаҳои асри IX Бухоро хеле калон шуда рафт ва солҳои 849–850 атрофи онро бо девори нав печонида гирифтанд, ки 11 дарвоза дошт.[60]

Ба маркази ҳаёти сиёсии давлати Сомониён табдил ёфтани Регистони Бухоро, дар шимоли шаҳр бино шудани қасри амир ва биноҳои сершумори девонҳо намуди шаҳрро хеле дигар кард.

Дар маркази шаҳр гирд омадани ҳаёти иқтисодӣ мусоидат намуд, ки Бухоро ба шаҳри феодалӣ мубаддал шавад. Дар шаҳр маҳаллаҳои махсуси косибон пайдо шуданд, ки дар он ҷойҳо ҳам дар дӯконҳо мол истеҳсол мегардиду ҳам дар ҳамон

---

58 Оид ба тадқиқоти бозёфти тангаҳои Шарқ дар Аврупои шарқӣ ниг.: Янин В.Л., 1956.
59 Наршахӣ, Теҳрон, с. 63.
60 Сухарева О.А., 1954, с. 28 ва мобаъд.

ҷо фурӯхта мешуд. Ана ба ҳамин сабаб дар асри X тамоми маркази Бухоро, гӯё як бозори калоне буд ва намуди худи шаҳр ҳам хеле тағйир ёфт.

### Созмони инъомоти феодалӣ ва заминдории шартӣ

Асри X давраи феодализми мутараққӣ мебошад. Давлати Сомониён давлати феодалие буд, ки манфиати заминдорону тоҷирони калонро дастгирӣ менамуд. Ана ба ҳамин сабаб зикри равнақи хоҷагӣ, ривоҷи зироат, косибӣ ва муомилоти пулӣ ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки ин равнақу ривоҷ боиси беҳтар шудани аҳволи аҳли меҳнат мешуда бошад.

Соҳиби асосии обу замин давлат ва феодалҳои калон буданд. Вобаста ба ҳамин замин ҳам ба заминҳои давлатӣ, феодалӣ, мулкӣ ва вақф тақсим мешуд. Мадракоти давраҳои пешин шаҳодат медиҳанд, ки заминдорони хурд бо шиддати тамом шикаст хӯрда хонавайрон мешуданд, ки маҷбур буданд заминҳои худро «ихтиёран» ба феодалҳои калон диҳанд[61]. Ин кор, албатта, дар асри X ҳам идома дошт.

Дар аҳди Сомониён ғайр аз мулкҳои ғайришартӣ, инчунин мулкҳои шартӣ, заминдории шартии феодалӣ низ вуҷуд дошт, ки бар ивази хизмате инъом меёфт. Дараҷаи равнақи созмони инъомоти феодалӣ барои хизмат ва заминдории шартӣ яке аз нишонаҳои муҳимми он аст, ки ҷамъият «аз боло» то кадом дараҷа феодалӣ кунонда шудааст. Ақидае ҳаст, ки гӯё дар давраи Сомониён ҳам инъомоти феодалӣ ва ҳам заминдории шартӣ мақоми казоӣ надошт, яъне дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ таъсире надошт ва танҳо дар асрҳои XI–XII дар аҳди Қарохониён ва Салҷуқиён бо суръати тамом ривоҷ ёфт.[62] Мувофиқи маълумоти баъзе маъхазҳои хаттӣ дар аҳди Сомониён қариб нисфи пули давлат барои маоши хизматчиён сарф мешуд ва гӯё ҳамин нукта боиси пайдоиши он ақидаҳои мазкур гардидааст, маъхази хаттии давраи сонитар – «Сиёсатнома» равшану возеҳ навиштааст, ки дар давраи Сомониён дар Хуросон иқтаъ дода намешуд.[63] Ғайр аз ин дар маъхазҳо ниҳоят кам возеҳ зикр шудааст, ки барои хизмати давлат ин ё он инъом дода шуда бошад ва маҳз ҳамин ҳам боиси пайдоиши он ақидаҳо шуданаш мумкин аст. Ана ҳамин тавр дар таърих ду давраи Осиёи Миёна – асрҳои IX–X ва асрҳои XI–XII ба ҳам муқобил гузошта шудаанд ва пайдоиши созмони инъомоти феодалӣ комилан ба Осиёи Миёнаро тасарруф кардани Қарохониҳо ва Салҷуқиён вобаста карда шуд.

Тадқиқоти таърихию нумизматӣ имкон дод, ки дар асоси материалҳои муайяни Осиёи Миёна ин масъала аз нуқтаи назари нав дида шавад[64]. Дар натиҷаи ин тадқиқот 18 инъоме кашф гардид, ки барои хизмат дода шудааст ва

---

[61] Дар хилофати араб соҳибони заминҳое, ки дар ҷойҳои забтшуда мемонд, аксар вақт маҷбур мешуданд заминҳои худро ба халифа диҳанд, баъдтар он заминҳоро боз гашта мегирифтанд, вале акнун замин моликияти онҳо ҳисоб намешуд, балки онро ба ин ё он шарт мегирифтанд (Lokkegaard F., 1950, p.68-70, Lambton A.K.S., 1969, p.21,25-26).

[62] А.Ю.Якубовский (1949, с.37, 38; худи ӯ, дар китоби Тревер И.В. ва диг., 1950) дар бобе, ки роҷеъ ба асри IX–X аст, дар бораи созмони инъомоти феодалӣ ва заминдории шартӣ ҳарфе намезанад.

[63] Дар бораи пайдоиш ва таҳаввулоти иқтаъ дар Шарқи асрҳои миёна ниг.: Lokkegaard F., 1950, p. 58 ff; Cahen C., 1953; Lambton A. K. S., 1967, 1969, p. 28-30, 53 ff.

[64] Давидович Е. А., 1954, с. 69–117; 1950 б, с. 154-257 ва диг.

ба ин шумора он инъомҳое, ки қабл аз ин дар адабиёт зикр шуда буданд, аз қабили мулкҳои инъомии Симҷуриҳои Кӯҳистон дохил намешаванд. Ягон инъоме ба назар нарасид, ки ба хизматчӣ ё худ сарбози қаторӣ дода шуда бошад. Вале аниқ маълум шуд, ки дар асри IX инъомоти басо калон ва пурарзиш (деҳаҳо, шаҳрҳо, вилоятҳои том) фақат ба аҳли сулола дода мешуд. Аммо дар асри X, хусусан дар нимаи дувуми аср инъом бештар ба онҳое дода мешуд, ки аз аҳли сулола набуданд ва асосан аз ҷумлаи амалдорони одӣ ва ҳатто баъзан амалдори хурд ҳам буданд. Андозаи инъом пештара барин хеле калон буд, вале акнун инъомҳои хурдтаре ҳам дода мешуд.

Инъомоти асрҳои IX–X ба инъомгиранда ҳуқуқ медод, ки ба тамоми даромади мулки инъомшуда ва ё ба як қисми он даромад соҳиб шавад, вале худи инъом на умрбодӣ буду на меросӣ. Касе, ки инъом мегирифт, бояд ягон вазифаро ҳам иҷро мекард, яъне худаш бояд соҳиби мансабе мебуд–одатан ин мансаб ҳокими вилоят ё шаҳри инъомгардида буд ва ба ин сабаб инъомгир дар ҳалли масъалаҳои дохилии вилоят ва ё шаҳр ҳукуқ ва имтиёзҳои калон дошт. Касоне, ки шаҳр ва ё вилоятеро инъом мегирифтанд, баъзан ҳуқуқ доштанд, ки ҳатто дар рӯйи пул номи худро сабт намоянд. Дар ин ҳолат муносибати байни ҳукумати марказӣ ва соҳибони мулкҳои инъомшуда ва инчунин дараҷаи озодии онҳо хеле мухталиф буд. Масалан, баъзе тангаҳои мис аз номи сардори он сикка зада шуда, номи ҳокими вилояти инъомшуда дар ҷойи назарногир қайд карда шудааст (чунин аст Самарқанд ва Шом дар чоряки севуми асри IX; Исфиҷоб дар ибтидои асри X). Вале баръакси ин ҳол бештар ба назар мерасад, яъне пули мис аз номи ҳамон кас бароварда шудааст, ки шаҳр ё вилоятеро инъом гирифтааст, номи сардори оли Сомониён бошад, фақат ба нишони ҳурмат навишта нақр гардидааст (чунинанд шаҳрҳои Фарғона – Ахсикат, Насробод, Қуба ва умуман тамоми Фарғона дар якчанд давраҳои муайян). Боз як намуди дигари тангаҳо ҳастанд, ки дар онҳо номи сардори он умуман зикр нашудааст ва фақат номи инъомгирифта ҳасту бас (чунинанд шаҳрҳои Ахсикат ва Шош дар нимаи дувуми асри IX ва аввали асри X). Ин ҳолат далолат мекунад, ки инъомгирифта, ҳатто ба ном тобеъ будани худро ҳам эътироф накарда, майли тамоман мустақил шудан мекард. Аз рӯйи он маълумоте, ки дастраси мо мебошад, аниқ гуфтан мумкин, ки ин гуна рафтору кирдор фақат ба аъзои оли Сомониён хос мебошад, ки вилоятҳои калонро инъом гирифта буданд.

Вилоятҳое, ки инъом мешуданд, дар ҳудуди давлати Сомониён аксар вақт ба мулкҳои мустақил табдил меёфтанд. Волии ин гуна вилоятҳо (хоҳ аз оли Сомониён бошад, хоҳ ягон амалдори калон), аксаран худро бо ҳамон унвонҳое мехонданд, ки сардорони оли Сомониён доштанд.

Дар аҳди Сомониён як нав иерархияи феодалӣ – он муносибати тобеияту итоати зинабазинаи маъмурӣ ба вуҷуд меояд, ки хоси феодализм аст. Чунин ҳодисаҳо низ ба қайд гирифта шудааст, ки масалан, сардори оли Сомониён ба амалдоре шаҳр ва ё вилоятҳоеро инъом мекунаду худи он мансабдор қисми мулки инъомии худро ба каси дигар мебахшад. Дар Фарғона як мулки инъомшударо ба чор қисмат тақсим карда, боз чор бори дигар инъом кардаанд.

Бояд қайд кард, ки иқтаъдорон мекӯшиданд, ки ҳуқуқи худро васеъ кунанд, ҳукумати марказӣ бошад, ба ин кӯшиши онҳо монеъ мешуд. Дар ин талош гоҳ як тараф, гоҳ тарафи дигар дастболо мегардид. Масалан, Наср ибни Аҳмад ба

додараш Исмоил ҳуқуқ дод, ки як қисми хироҷи вилояти Бухороро гирад. Исмоил бошад, як қисм не, тамоми даромади Бухороро гирифтанӣ шуд. Кори Исмоил аввал дар ин боб барор накард, вале баъдтар вай ба мақсадаш расид, ки ин аломати мағлубияти ҳукумати марказӣ буд.

Вале дар дигар як чунин ҳодиса ҳукумати марказӣ ғалаба кард. Қуба ва Насробод ном шаҳрҳои Фарғона ба амалдорони калон инъом шуда буд. Инак, ин амалдорон барои вусъати ҳуқуқи худ ба задухӯрд даромаданд, вале ин задухӯрд бо ҳамин анҷом ёфт, ки ҳар ду шаҳрро аз дасти он амалдорон кашида гирифтанд. Аз ин воқеаҳо хеле пештар низ маълум шуда буд, ки барои мулки умрбод ва меросӣ шудани Ахсикат муборизаи шадиде мерафт. Гуфтан лозим, ки дар он давра Ахсикат дар ихтиёри оли Сомониён буд ва дар ибтидо Ахсикат, ҳатто аз дасти онҳо рафт – солҳои зиёде дар шаҳр ягона соҳиб Исҳоқ ибни Аҳмад буд ва баъди ӯ шаҳрро писараш мерос гирифт. Фақат пас аз он ки Исҳоқ ибни Аҳмад барои тахт исён бардошта, шикаст хӯрд, ҳукумати марказӣ Фарғонаро аз дасти ӯ кашида гирифт ва бо имтиёзи хеле маҳдудтар Ахсикатро ба каси дигар инъом намуд. Дар аҳди Сомониён Кӯҳистон мулки инъоми чор насли Симҷӯриҳо буд.

Хуллас, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлати Сомониён созмони инъомоти феодалӣ мавқеи намоён дошт. Ҳатто вилоятҳои марказӣ ва асосии давлат (Самарқанд, Бухоро, Шош, Фарғона ва ғ.) ва, инчунин баъзе дигар шаҳрҳо дар давраҳои гуногун мавриди инъом гардида, аксар вақт ба мулкҳои мустақилу саркаши дохили давлати Сомониён табдил меёфтанд.

Баъзе ишоратҳои равшани маъхазҳо ва мисоли ҳамин гуна ҳодисаҳои Эрони ғарбӣ ва Ироқ ва, алалхусус, шаҳодати ал-Хоразмӣ ба мо имкон медиҳанд, иддао намоем, ки ин гуна инъомоту подош дар Осиёи Миёнаи аҳди Сомониён иқтаъ ва туъма ном дошт. Ал-Хоразмӣ котиби вазири Сомониён буд ва асари худро дар мобайни солҳои 976–991 таълиф кардааст. «Вазифаи вай асосан ҳамин буд, ки барои девон маълумотномае тартиб диҳад ва ин маълумотнома ба шакли фарҳанги тафсирие навишта шуда буд, ки доираи васеи донишро дар бар мегирифт».[65] Инъомоту подоши феодалии замонаашро вай бо ду таъбир ифода кардааст.[66] Туъма инъомест, ки умрбод дода мешуд, вале аз ин заминҳои инъомӣ як миқдор хироҷ додан лозим буд. Яъне дар ин сурат туъмадор на ҳамаи даромади заминро, балки фақат як қисми онро соҳибӣ мекард. Иқтаъ инъомест, ки соҳиби он ҳақ дошт онро мерос гузорад ва зимнан иқтаъдор соҳиби замини инъомӣ дониста мешуд. Гарчанде дар ин давра ва дар давраҳои минбаъда иқтаъ расман инъоми даромади замин бошад ҳам, чи тавре ал-Хоразмӣ ҳам ишорат кардааст, иқтаъдор дар асри Х амалан ба ҳуқуқҳои калон молик гардид ва худи иқтаъ, ҳатто меросӣ шуд. Анвои гуногуни инъомот, ки асосан ба туфайли мадракҳои нумизматӣ ошкор гардиданду онҳо дар асрҳои IX–X дар Осиёи Миёна вуҷуд доштанд, ба тамоми он тавсифоти иқтаъ ва туъма, ки ал-Хоразмӣ додааст, комилан мувофиқат мекунад. Дар айни ҳол, набояд аз мадди назар дур андохт, ки қариб нимаи нақдинаи давлати Сомониён барои маоши ҳарбиён ва амалдорон харҷ мешуд. Дар давлати Сомониён ду тамоюл ошкоро мухолифат доштанд – аз як тараф,

[65] Крачковский И.Ю., 1957, с. 240.
[66] Қодирова Т., 1965, с. 38, 42.

анвои инъомоти феодалӣ беш аз пеш ривоҷ меёфт, аз тарафи дигар, ҳукумати марказӣ ба амалдорон торафт бештар маош дода, мекӯшид, ки ривоҷи анвои инъомотро боздорад.

Мувофиқи далолати баъзе маъхазҳо, бисёр одамони он давра нағз мефаҳмиданд, ки ривоҷи инъомоти феодалӣ, ҳам барои иқтисоди мамлакат ва ҳам барои ҳукумати марказӣ оқибати муҳлик дорад. Агар ин ё он шароити мусоид ба даст ояду бе инъомоти замин ҳам корро пеш бурдан мумкин шавад, ҳукумати марказӣ ҳаракат мекард, ки замин инъом накунад (масалан, чунин буд дар аҳди Ғазнавиёни аввал).

Дар ин асос метавон гуфт, ки давлати Сомониён як навъ давраи гузаришро аз сар мегузаронд. Муборизаи он ду тамоюли мухталиф боиси он гардид, ки дар асрҳои IX–X амалдорони қаторӣ ва табақаи ҳарбиён аз иқтаъ ва туъма тамоман маҳрум карда шуданд ва дар ин кор ҳукумати марказӣ ҳанӯз дар мавқеи худ пойдор буд.

Дар бобати табақаи болои синфи ҳукмрон бошад, ҳукумати марказӣ маҷбур мешуд, ки ба онҳо беш аз пеш замин инъом кунад ва ягона коре, ки аз дасташ меомад, барои мулки меросӣ нашудани ин заминҳо мубориза мебурд ва гуфтан лозим, ки ҳамин муборизааш ҳам на ҳама вақт натиҷае медод. Шакке нест, ки дар вилоятҳои ғарбии хилофат (алалхусус, дар нимаи дувуми асри X дар давлати оли Бӯя) ин тавр феодалӣ шудани ҷамъият хеле пеш рафта буд. Вале дар давлати Сомониён ҳам вазни қиёсии заминдории феодалӣ ё худ шартӣ (яъне замини инъомӣ) хеле калон буд.

## Рентаи феодалӣ, ҳаёти деҳқонон ва неҳзатҳои халқӣ

Дар аҳди Тоҳириён ва Сомониён «тамғазании» деҳқонон, ки онҳоро то ба дараҷаи ғулом паст мекард, қатъ гардид ва зотан ба қатъи ин одати бераҳмонаву пурозор исёни Муқаннаъ дар Мовароуннаҳр (ки дар боло зикр карда будем) ва ҳамин гуна неҳзати тавонои халқӣ дар Озарбойҷон сабаб гардид. Ба ақидаи А.Ю.Якубовский дар ин давра миқдори бегорӣ андак кам шуд, зеро дар аҳди Сомониён деҳқонон барои дафъи ҳамлаи кӯчманчиён деворҳои қалъаҳоро таъмир намекарданд ва девори нав намесохтанд.[67] Вале ин гап чунин маъно надорад, ки дар он давра умуман миқдори рентаи феодалии замин ва истисмори феодалӣ кам ё суст шуда бошад. Инкишофи иқтаъ, бешак, истисмори феодалии деҳқононро хеле зӯртар кард. Аз дигар тараф, давлат миқдори муайяни хироҷро дар вақташ ғундошта мегирифт ва ҳатто дар як сол аз ҳисоби соли оянда ду бор ҳам хироҷ мегирифт. Ва ниҳоят дар асрҳои IX–X равнақу ривоҷи пуравҷи муносибатҳои пулию молӣ ҳам боиси хеле вусъат ёфтани рентаи замин гардид. Дар назари аввал барои тасдиқи ин иддао гӯё ҳеҷ далеле нест. Дарвоқеъ, мувофиқи маълумоти маъхазҳои асрҳои IX–X хироҷи вилоятҳои гуногуни Осиёи Миёна, ки ба шакли пул ҳисоб карда мешуд ва миқдори муайяне дошт, дар ин давра гӯё ҳеҷ каму зиёд нашудааст. Вале ин фақат зоҳиран буд, дар асл бошад, миқдори хироҷ сол ба сол зиёд мешуд.[68]

[67] Якубовский А.Ю., 1949, с. 35-36.
[68] Ба ин Е.А. Давидович ҳам диққати моро ҷалб карда буд.

Инро аз маълумоти зерин фаҳмидан мумкин аст. Ба қавли Наршахӣ[69] хироҷи Бухоро аввалҳо аз 200 ҳазор дирами нуқра андак зиёд будааст. Вақте ки дирами қитрифӣ баромад, муқаррар карданд, ки як дирами нуқра ба 6 дирами қитрифӣ баробар аст, пас маълум мешавад, ки хироҷи Бухоро ҳам қариб 1200 ҳазор дирами қитрифӣ будааст.[70]

Баъдтар қурби дирами қитрифӣ боло рафта, қобилияти харидории он ба дирами нуқра баробар шуд. Ҳукумат мисли пештара хироҷро бо дирами қитрифӣ меситонд. Ин бошад, чунин маъно дорад, ки миқдори хироҷ дар як муддати кӯтоҳ 6 баробар зиёд шуд. Зиёда аз ин – дар аввалҳои соли 835 қурби дирами нуқра ва қитрифӣ боз тағйир ёфт – акнун 10 дирами нуқра ба 20 дирами қитрифӣ не, балки ҳамагӣ ба 8,5 дирами қитрифӣ баробар шуд. Соли 921 бошад, 10 дирами нуқра ҳамагӣ ба 7 дирами қитрифӣ баробар шуда монд. Хуллас, агар миқдори пештараи хироҷро 100 фоиз ҳисоб кунем, соли 921 миқдори он ба 857 фоиз расид. Ин рақам, албатта, шартӣ мебошад ва бисёр дигар омилҳоро (тағйири нархи мол, озуқа ва ғ.) пурра ба ҳисоб гирифтан аз имкон берун аст. Вале ҳамин ҷиҳат бешак аст, ки дар муддати асрҳои IX–X миқдори хироҷи Бухоро зоҳиран тағйир наёфта бошад ҳам, аслан доимо зиёд мешуд. Маълум, ки ин ҳодиса дар дигар ҷойҳои Осиёи Миёна ҳам айнан чунин буд.

Боз як масъалае ҳаст, ки ба андозае норавшан мебошад – аниқ маълум, ки хироҷи замин ба чӣ шакл адо карда мешуд. Маъхазҳои давраҳои сонитар шаҳодат медиҳанд, ки дар Осиёи Миёна рентаи феодалӣ одатан ба шакли омехта рӯёнда мешуд, яъне хироҷ ҳам ба намуди маҳсулот, ҳам ба намуди бегорӣ ва ҳам бо пул адо мегардид ва зимнан беш аз ҳама ба намуди маҳсулот рӯёнда мешуд. Маъхазҳои асрҳои IX–X миқдори хироҷро фақат бо пул ифода кардаанд. Вале равшан кардан хеле муҳим мебошад, ки пули хироҷ бевосита аз худи хироҷдиҳанда гирифта мешуд ва ё миқдори хироҷ бо пул эълон гардида, баъд баробари ҳамон миқдори пул маҳсулот меситониданд. Агар аз худи хироҷдиҳанда пули хироҷ гирифта шавад, бо имони комил гуфтан мумкин, ки намуди пулии хироҷ афзалияти том дошт.

А.Ю.Якубовский ҳам тарафдори ақидае буд, ки «дар асрҳои IX–X пардохти пулакии хироҷ қисми асосӣ шуда буд».[71] Зотан А.Ю.Якубовский барои тасдиқи иддаои худ ба як ривояти Наршахӣ такя мекунад. Мувофиқи ин ривояти Наршахӣ, соли 874 Ҳусайн ибни Тоҳир Бухороро ишғол намуда, хироҷи онро бо дирами қитрифӣ рӯёнд ва баъд онро ба нуқраи холис иваз карданӣ шуд.[72] Чи тавре ки мебинем, дар он давра хироҷ, дарвоқеъ, пулакӣ ситонда шудааст. Пулакӣ ситонда шудани хироҷ воқеаи ягона набуд – барои исботи ин даъво хироҷи Бухороро мисол овардан кифоя аст – алалхусус, дар боло ҳам гуфта шуда буд, ки ҳукумат баъди баланд шудани қурби дирами қитрифӣ барои адои хироҷ ҳатто нуқраи холисро нагирифт ва талаб кард, ки хироҷ фақат бо дирами қитрифӣ дода шавад. Пулакӣ рӯёндани хироҷ дар асрҳои IX–X дар бисёр музофотҳои Ироқ ҳам расм буд.[73]

---

[69] Наршахӣ, Теҳрон, 43–44; дар тарҷумаи Н. Ликошин хеле таҳрифот ҳаст.
[70] Мувофиқи маълумоти Наршахӣ–1168567, Ибни Хурдодбеҳ – 1189200, Мақдисӣ–1166897.
[71] Якубовский А.Ю., 1932, с. 16.
[72] Наршахӣ, Теҳрон, с. 92.
[73] Lambton A. K. S., 1969, p. 31–49.

Бухоро яке аз марказҳои калонтарини ҳунармандӣ ва тиҷорат буд. Тамоми вилояти Бухоро дар муомилоти пулию молӣ фаъолона ширкат мекард. Чи тавре дар боло ҳам қайд кардем, ҳатто дар бисёр деҳаҳои атрофи Бухоро истеҳсоли мол равнақуривоҷи том дошт. Вале истеҳсоли мол дар тамоми ноҳияҳои Осиёи Миёна баробар тараққӣ накарда буд ва дар ҳама ҷойҳо муносибатҳои пулию молӣ ба як дараҷа равнақ ёфта буд. Дар аксари вилоятҳо, алалхусус вилоятҳои аз марказ дур бароиривоҷи хироҷи пулакӣ ягон заминаи реалӣ вуҷуд надошт. Он маълумоти дақиқе, ки дар даст дорем, фақат ба вилояти мутараққии Бухоро дахл дорад. Дар асоси маълумоти як вилоят дар бораи тамоми Осиёи Миёна ҳукм баровардан кори дуруст нест, фақат ҳаминро аниқ гуфтан мумкин, ки дар вилоятҳои гуногуни Осиёи Миёна хироҷ ба намудҳои гуногун гирифта мешуд.

Дар асрҳои IX–X гурӯҳи асосии истеҳсолкунандагон бевосита ба ду тақсим карда мешуданд: деҳқонони ҷамоатӣ ва деҳқонони иҷоракор. Умуман гирем, фарқи байни онҳо торафт ноаён мегардид, зеро на фақат деҳқонони безамин, балки деҳқонони камзамин ҳам заминро ба иҷора гирифта, чоряккор мешуданд.

Дар адабиёти оид ба таърих чунин ақидае изҳор шуда буд, ки дар Шарқ иҷора додани замин шакли асосии истисмори деҳқонон буда, худи деҳқонони иҷорагир дар зироат симои асосӣ ба шумор мерафт[74]. Вале агар фактҳоро ба назар гирем, бояд иқрор кард, ки дар шароити муайяни Осиёи Миёнаи асрҳои IX–X чи гуна вазну мавқеъ доштани ҷамоат ва иҷора додани замин ҳанӯз мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст.

Шаклҳои маъмули истисмори феодалӣ (хеле афзудани рентаи феодалии замин: дар як сол ду бор хироҷи солона ситондан; равнақуривоҷи иқтаъ ва туъма; иҷора додани замин ва ғайра), ки дар аҳди Сомониён вуҷуд дошт, боиси ҳамин гардид, ки аҳли сершумори меҳнат аз замин тамоман маҳрум шуда, батамом побанди заминдорони калон шуда монданд. Аҳли меҳнат – деҳқонону косибон зиндагии қашшоқона ба сар бурда, беш аз пеш хонабардӯш мешуданд.

Сомониён бошанд, аз ҳисоби халқ қасрҳои бошукӯҳ, мадрасаҳои бодабдаба ва масҷидҳои бокарруфар месохтанд ва тамоми хароҷоти он иморатҳоро аз аҳли меҳнат меситонданд. Ҳамаи ин зулму бедодиҳо боиси чандин шӯришу исёнҳои мардум гардид, ки зидди зулми тоқатгудози феодалӣ равона шуда буданд.

Ҳанӯз худи Исмоили Сомонӣ дар соли якуми ҳукмронии худ шӯриши калони деҳқононро пахш карда буд. Роҷеъ ба ин шӯриш Наршахӣ гуфтааст: «Ва яке аз дуздон халқеро ба худ гирд карда буд ва аз авбошон ва риндони русто чаҳор ҳазор мард ҷамъ шуда буданд ва ҳама дар миёни Ромитан ва Баркад роҳ мезаданд ва наздик буд, ки қасди шаҳр кунанд»[75].

Шакке нест, ки дар ин ҷо сухан аз шӯриши деҳқонон меравад. Вале худи Наршахӣ, ки маддоҳи феодалҳо буд, тоби шӯриши халқ надошт ва шӯришгарону роҳбарони онҳоро «пойлучону роҳзанон» номидааст.

---

[74] Якубовский А. Ю., 1934, с. 61–62; 1947.
[75] Наршахӣ, с. 95.

Ҳаёти косибон низ бениҳоят вазнин буд. Шоири арабизабони тоҷик Абӯҳатими Варроқ, ки касби коғазсозӣ дошт, дар поёни умри худ, баъди 50 сол коғазсозӣ кардан бо дарду алам аз нодорӣ ва бенавоӣ шикваҳо карда, гуфтааст:

Зи варроқӣ, ки шуғли пасту ночиз аст,
Надорам рӯзгори хуш, забунбахтам.
Агар зистам, чу муфлис бенаво зистам,
Ва гар мурдам, ҳамоно бекафан рафтам.

Зиддияти асосии дохили давлати Сомониён аз муборизаи ду синф – аз як тараф, деҳқонону косибон, аз тарафи дигар, синфи феодалҳо ва табақаи ҳукмрони онҳо ба миён омада буд.

Аксар вақт муборизаи синфӣ, ки бо баҳонаи иқтисодӣ (масалан, зиёд шудани хироҷ ва ғайра) сар мезад, ба худ пардае мепӯшид, ки он задухӯрди байни дини расмӣ ва бидъатҳоро ифода менамуд ва гуфтан лозим, ки мазлумон асосан зери байрақи ҳамин гуна бидъатҳо ба по мехестанд. Ин гуна шӯришҳо дар Бухоро, Систон, Чағониён ва ғайра шуда буданд.

Дар омади гап, қарматия ҳам як шакли динии эътирози халқ бар зидди зулму истисмор буд. Дар ибтидои худ қарматия бисёр мазҳабу фирқаҳои тоисломӣ ва, аз ҷумла, баъзе ақидаҳои маздакияро ҳам дар бар мегирифт. Қарматиҳо талаб мекарданд, ки дар баробари вуҷуд доштани ғуломдорӣ мардум бояд ба тарзи зиндагии қадимии деҳотӣ бозгарданд, ки дар он ҷамоа, тамоми аъзои озоди он баробарҳуқуқ мебошанд. Тарғиби баробарии аъзои озоди ҷамоат ба сафи қарматия бисёр деҳқононро ҷалб намуд, ки онҳо дар зери зулми феодалҳо буданд. Сабаби дар Осиёи Пеш босуръат паҳн шудани қарматия маҳз ҳамин буд.

Дар асрҳои IX–X дар Осиёи Миёна бисёр неҳзатҳои халқиро ба фирқаи қарматия мепайвастанд. Бисёр равшанфикрони он даврахо қарматияро василаи муборизаи зидди зулми иҷтимоӣ, василаи баробарии ҷамъиятӣ медонистанд.

Вале қарматия аз оғози пайдоиши худ пур аз зиддият буд. Ва ин зиддият, аз як тараф, неҳзати халқ буд ба муқобили тартиботи нави феодалӣ, аз тарафи дигар, баромади аъёну ашрофи феодалӣ ба муқобили ҳукумати марказӣ.

### Анҷоми ташаккули халқи тоҷик

Дар ҳамон даврае, ки ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон дар дасти Сомониён буд, ташаккули халқи тоҷик анҷом ёфт. Дар шароити нави истиқлоли давлатӣ бисёр анъанаҳои мадании пештара боз таҷдид гардиданд, сарватҳои нави маънавӣ, аз ҷумла, назми классикӣ, ки дар тамоми ҷаҳон эътироф гардидааст, ба вуҷуд омад.

Ҳанӯз хеле пештар аз оғози ворид шудани арабҳо ба Осиёи Миёна бо шарофати равнақу ривоҷи иртиботи иқтисодӣ ва мадании байни ноҳияҳои гуногун ва давлатҳои алоҳидаи Осиёи Миёна, ба туфайли дар шароити муносибатҳои мутараққӣ хеле равнақ ёфтани шаҳрҳо равшану возеҳ муайян

шуда буд, ки баъзе халқиятҳои Осиёи Миёна, алалхусус халқиятҳои муқимӣ, майл доранд, ки дар як халқ муттаҳид ва муттафиқ шаванд.

Протсессҳои этникие, ки аз давраҳои қадим дар Осиёи Миёна ҷараён дошт, боис гардид, ки суғдиён, хоразмиён, фарғониён, тахориён барин халқиятҳои гуногуни алоҳида пайдо шуданд. Ҳар як аз ин халқият соҳиби маданияти худ буд. Вале чунин иддао ҳам ғалат мебуд, ки маданияти ин халқҳо ҳар яке тамоман мустақилу махсус буду бо ҳамдигар муносибате надошт, дар айни ҳол, онҳоро як чизи том номидан ҳам мумкин не, зеро ҳар яки онҳо дар худ аз маданияти калоне, ки хоси тамоми Осиёи Миёна буд, қисмеро таҷассум менамуд. Забони ин халқиятҳо ба забони шарқиэронӣ мансуб буд, вале мувофиқи маълумоти маъхазҳо дар Тахористон се забон будааст: забони «маҳаллӣ» (шояд шарқиэронӣ бошад), забони «тахорӣ» ва забони «туркӣ». Худи он халқиятҳо аз мардуми муқимӣ ва кӯчманчӣ таркиб ёфта, кӯчманчиён ҳамон кӯчманчиёне буданд, ки то ибтидои милод бе истисно ҳама тоифаҳои шарқиэронӣ буданд, аз он ҷумла, ҳамон кӯчманчиёне, ки ба иттиҳоди тоифаҳои сакой дахл доштанд. Аз асрҳои охирини то милод ва аз ибтидои асрҳои милод сар карда, ба Осиёи Миёна дар баробари омадани гурӯҳҳои эронизабон, инчунин қабилаҳои ғайриэронизабон, аз ҷумла, қабилаҳои туркзабон низ омадан мегиранд. Алалхусус, фақат дар давраҳои Хоқони турк ба Осиёи Миёна хеле зиёд қабилаҳои туркзабон омада, маскун гардиданд, аз асрҳои VI–VIII сар карда, туркҳо дар таърихи этникии Осиёи Миёна мақоми муайяне пайдо кардан гирифтаанд.

Ҳудуди байни халқиятҳо як чизи рахнанопазири мустаҳками касногузар набуд, балки протсесси аз як халқият ба халқияти дигар гузаштани унсурҳои гуногун авҷи тамом дошт. Ин протсесс на фақат дар байни халқиятҳои ба ҳам наздик, балки байни халқиятҳои аз якдигар дур –масалан, байни халқиятҳои муқимӣ ва кӯчманчӣ ҳам ба амал меомад. Дар Осиёи Миёна дар тӯли ҳазорон сол кӯчманчиён ба тарзи муқимии ҳаёт гузашта, зироаткор мешуданд, ба таркиби он мардуме дохил мешуданд, ки дар деҳаву шаҳрҳо зиндагӣ мекарданд. Ҳамин ҷиҳат ҳам хеле муҳим мебошад, ки халқиятҳои гуногунзабон бо ҳамдигар ҳамсоя шуда, иртиботи зичи маданӣ, иқтисодӣ ва этникӣ барқарор менамуданд. Ҳамаи ин боиси он мегардид, ки билингвизми ҷузъӣ ва ё худ пурра ба вуҷуд меомад, халқият забони аслии худро гум мекард, дар шаклу усулу намудҳои гуногун унсурҳои хоҷагидорӣ ва маданӣ ва ё худ тамоми комплекси маданию хоҷагиро қабул мекард, шаклҳои мутақобили укладҳои хоҷагиро барпо менамуд ва ғ. Механизм ва, инчунин вариантҳои ин гуна муносибати тарафайни халқиятҳои Осиёи Миёнаро забоншиносон ва этнографҳо нағз тадқиқ кардаанд. Ба туфайли ин тадқиқот чунин ҳодисаҳои аҷоибу ғароиб ба назар мерасанд – масалан, ҳардуриҳои тоҷикзабон, ки тарзи ҳаёт ва маданияти ӯзбекони кӯчманчиро азхуд намудаанд ва ё қабилаи аслан кӯчманчии туркизабони «турк», ки дар ноҳияҳои Кӯлоб маскун гардида, ба тарзи ҳаёти муқимӣ гузаштанд ва забони аслии худро фаромӯш карда, ба забони тоҷикӣ гап мезананд. Шаклҳои гуногуну аҷоиби билингвизм дар байни тоҷикони Чуст ва Бухоро ҳам ба назар мерасанд.[76]

---

[76] Кармишова Б.Х., 1957; 1960; 1961 а; 1962; Писарчик А.К. ва Кармишева Б.Х., 1953; Сухарева О.А., 1958; 1966; Эшниёзов М., 1956; 1967 ва диг. Аз асарҳои забоншиносон: Боровков А.К.,

Шакке нест, ки никоҳи байни халқиятҳо ва дурага шудани мардум ҷой дошт ва дар ин бора маъхазҳои хаттӣ ҳам шаҳодат медиҳанд. Вале мардуми асосии Осиёи Миёна ба як нажод – ба нажоди мовароуннаҳрӣ, ё худ ба нажоди помиру фарғонӣ мансуб мебошад. Ин яке аз калонтарин шохаҳои нажоди аврупоӣ буда, онро антропологҳои советӣ Л.В.Ошанин, А.И.Ярхо ва баъзе дигарон кашф намуда, хусусиятҳои онро муқаррар намудаанд. Ин типи антропологӣ чунин нишонаву аломатҳо дорад: тарҳи рӯй паҳн набуда, балки каме ба пеш барҷаҳида аст ва хеле сермӯй мебошад. Устухони рухсораҳо аён нест ва худи рӯй ҳам рафидашакл намебошад, андозаи бинӣ на калону на хурд, теғдори хуштарҳ (бинии аксари помириҳо минқоршакл). Ранги чашмҳо асосан сиёҳ, вале дигар рангҳо ҳам ҳаст (мӯйҳо ҳам асосан сиёҳ). Агар ба тарҳи косахонаи сар аз боло назар кунем, гирда менамояд, аз ин ҷост, ки нажодро «брахитсефалҳо» (яъне «каллакулӯлаҳо») меноманд. Намояндагони ин нажод асосан миёнақад (166-167 см) мебошанд.

Ба нажоди мовароуннаҳрӣ тоҷикон (тозатарин намуди зоҳирии нажоди онҳо дар симои тоҷикони кӯҳистон ва ноҳияҳои даромадгоҳи Помир боқӣ мондааст) ва ӯзбекҳо мансуб мебошанд, вале дар симои ӯзбекҳо аломатҳои нажоди муғул хеле аён ба назар мерасанд.

Дар бораи пайдоиши ин нажод чанд фарзия ҳаст. Мувофиқи яке аз ин фарзияҳо нажоди мазкур дар натиҷаи омезиши чанд нажоди типи аврупоие пайдо шудааст, ки дар давраҳои хеле қадим дар Осиёи Миёна маскун будаанд, мувофиқи дигар фарзия, нажоди мазкур натиҷаи инкишофу такмили яке аз он нажодҳо мебошад ва ин протсесс дар ибтидои ҳазораи якуми милод ҷараён дошт. Баъзе антропологҳо ин санаро хеле дуртар бурдаанд.

Дар миёнаҳои ҳазораи I милод омадомади тоифаҳои турк ва дигар қавмҳои муғулнажод хеле зиёд мешавад. Вале дар марҳалаи аввал муғулшавии симои нажод нисбат ба протсесси туркшавии забони он хеле сусттар буд.

Дар давраҳои минбаъдаи таърихӣ инкишофу такмили нажоди мовароуннаҳрӣ давом дошт ва алҳол он хеле дигар гаштааст ва дар ҳар як ноҳияҳои сукунати мардум соҳиби хусусияти хос мебошад (ин тағйиру дигаргуниҳо натиҷаи протсессҳои гуногуни такмилу инкишофи чандинасрӣ, натиҷаи омезиш ва ё худ баръакс, ҷудоии мардум мебошад).[77]

Дар Осиёи Миёна дар давраҳои ибтидои истилои арабҳо суғдӣ, фарғонӣ, хоразмӣ, ҳайтолӣ барин забонҳои шарқиэронӣ паҳн шуда буданд. Забони портӣ, ки ба доираи забонҳои ғарбиэронӣ мансуб аст, дар аввалҳои асрҳои V–VI дар хоки Туркманистони ҷанубӣ ва Хуросон умуман барҳам хӯрда буд.

Забони имрӯзаи тоҷикӣ аз забонҳои ғарбиэронӣ мебошад. Ба ақидаи забоншиносон асоси он лаҳҷаи ҷанубу ғарбии Форс аст, ки он баъдтар ба тарафи шимол ва шимолу шарқ паҳн шуда, бисёр унсурҳои забонҳои гурӯҳи шимолу ғарбӣ, аз ҷумла, унсурҳои забони портиро ҳазм менамояд ва билохир, дар ин забон аломату хусусиятҳои бисёр лаҳҷаҳои ғарбиэронӣ бо ҳам омезиш мeёбанд.

---

1952; Расторгуева В.С. ва диг. 1964 ва инчунин материалҳои маҷмӯаи «Таъсири тарафайн ва аз ҳисоби ҳамдигар бой шудани забонҳои халқҳои СССР», ки соли 1969 дар Москва ба забони русӣ чоп шудааст.

[77] Ошанин Л.В., 1937; 1957; 1957 а; 1958; 1959; Ошанин Л.В. ва Зезенкова В.Я.,1953; Гинзбург В.В., 1949; 1959; 1964; Дебетс Г.Ф., 1948; Ричков Ю.Г., 1969 ва диг.

Навиштаҷоти форсӣ (аниқтараш форсии миёна)-и асрҳои VII–VIII, ки дар қарибии Марв ёфт шуд, равшан далолат мекунад, ки дар ин давра дар ин ҷойҳо ба забони форсӣ (тоҷикӣ, ки онро «забони форсии дарӣ» ё худ «забони форсӣ» ҳам номидаанд) ҳарф мезаданд. Мувофиқи маълумоти пурарзиши ал-Ҷаҳшиёрӣ то худи соли 742[78] дар Хуросон хатти форсиро кор мефармудаанд (эҳтимол, ин хат дар асоси ҳуруфи паҳлавӣ тартиб ёфта буд) ва зимнан котибонро муғон меномиданд. Мувофиқи ривояти ал-Муқаффаъ ва Мақдисӣ ҳам чунин бармеояд, ки дар нимаи аввали асри VIII дар Балх забони форсӣ паҳн шуда буд.

Аллакай дар асрҳои VII–VIII мавқеъ ва мақоми ин забон дар шимолу шарқи Эрон, шимоли Афғонистон, ҷануби Осиёи Миёна ва, аз ҷумла, дар ҷануби Тоҷикистон хеле мустаҳкам шуд. Дар ин бора ғайр аз маълумоти ал-Муқаффаъ, ки дар боло зикр шуд, инчунин маълумотҳои зерин шаҳодат медиҳанд: маълумоти Хой Чао дар бораи вуҷуд доштани забони махсуси тахорӣ, маълумоти Табарӣ роҷеъ ба он, ки аҳли Тахористон шикасти арабҳоро масхаракунон ҳаҷвияҳо месуруданд ва ниҳоят маълумоти топонимика. Дар асарҳои олимони асрҳои VIII–X забони тоҷикӣ бо Хуросон, аз ҷумла, бо Балх илҳоқ карда шудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки маҳз дар ҳамин давра, яъне дар давраи пеш аз истилои араб муҳимтарин хусусиятҳои он забон ташаккул ёфта буд. Сабабҳои гуногуни сиёсӣ, таъқиб карда шудани маданияти маҳаллӣ – ҳамаи ин носозиҳо пеши роҳи инкишофи минбаъдаи забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва дигар забонҳои шарқиэрониро гирифта буданд. Дар айни замон дар ин давра кӯчокӯчи мардуми зиёде, ки аксари онҳо ба «забони форсӣ» гап мезаданд, хеле авҷ гирифт.

Забони форсӣ аз Марв, Балх ва дигар марказҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва мадании Хуросони шимолӣ ба тамоми Мовароуннаҳр интишор ёфта, ботадриҷ ҷойи забонҳои шарқиэронии Осиёи Миёна – суғдӣ, тахорӣ (бохтарӣ)-ро гирифт. Барои илм тафсилоти ин протсесс ва шароити аниқи ҷараёни он торик аст. Эҳтимол, забони форсӣ чандин аср пеш аз истилои арабҳо ба Осиёи Миёна баробари монавия омада бошад. Аниқ маълум, ки дар марказҳои калони Осиёи Миёна, масалан, дар Самарқанд дар асрҳои VI–VII ҷамоатҳои калони монавиён амал мекарданд. Мо асос дорем иддао кунем, ки дар ҷамоатҳои монавиёни ин ҷо ҳам чун дар ҷамоатҳои монавиёни Туркистони шарқӣ ба забони форсӣ гап мезаданд. Истилои арабҳо, ба ҳайати хилофат дохил карда шудани Мовароуннаҳр, ҷоннок шудани робитаи иқтисодӣ ва мадании Мовароуннаҳр бо дигар вилоятҳои хилофат, паҳн шудани ислом – ҳамаи инҳо ҳам протсесси дар Мовароуннаҳр паҳн шудани забони форсиро хеле тезонида метавонист.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар ҳайати лашкари арабҳо, ки Мовароуннаҳрро истило мекард, бисёр одамони ғайриараб ҳам буданд, ки онҳоро мавлӣ меномиданд. Мавлиён он мардуме буданд, ки зери тасхири арабҳо монда, исломро низ қабул карда, дар ҳимояти яке аз қабилаҳои араб буданд. Дар лашкари волиёни Хуросон, ки ба истилои Мовароуннаҳр роҳбарӣ мекарданд, ин гуна мавлиҳо зиёд буданд ва аксари онҳо аз худи Хуросон

[78] Соли 742 забону хатти арабӣ барои коргузории идораи маъмурии Хуросон ва Мовароуннаҳр, ки маъмуран ба вилояти Хуросон итоат мекард, ҳатмӣ эълон карда шуд.

мешуданд. Ин маволиҳои форсизабони ҷоҳу давлатталаби ҳарису зархарид, ки исломро оварда буданд, бо ҷидду ҷаҳди тамом Мовароуннаҳрро тасхир намуда, дар вилоятҳои истилошуда исломро зӯракӣ ҷорӣ мекарданд. Албатта, дар ин гуна шароит ҳудуди интишори забонро ба ҳудуди паҳншавии халқ баробар кардан лозим нест, зеро маълум ки ҳудуди паҳншавии забон хеле васеътар мешавад (мисоли классикии ин ҳодиса таърихи дар Аврупои ғарбӣ паҳн шудани забони лотинӣ аст). Мувофиқи ривояти ҳадисҳо забони форсӣ дар ҳамон давраҳо ва зотан дар давраҳои сонитар ҳам, василаи муҳимми тарғиби дини ислом буд. Ба қавли Наршахӣ (асри X) дар як масҷиди Бухоро, ки соли 713 бино шуда буд, Қуръонро ба забони форсӣ қироат мекардаанд. Чунин ҳодиса маълум, ки соли 728 яке аз воизони дини ислом аз тарғиби дин дар Самарқанд фақат ба ҳамин асос даст кашидааст, ки забони форсиро ба хубӣ намедонистааст.

Инаш ҳам маълум, ки ҳам дар паҳн шудани дини ислом ва ҳам дар паҳн шудани забони форсӣ сабабҳои иқтисодӣ ҳам хеле муҳим буданд. Масалан, қабули ислом каси исломовардаро аз баъзе андозҳо озод мекард, робитаҳои сиёсӣ, маданӣ ва иқтисодии байни Мовароуннаҳр ва Хуросону дигар ноҳияҳои Эрон, тоҷирону косибони шаҳрҳои Суғдро водор менамуд, ки забони форсиро азхуд кунанд.

Албатта, протсесси ба забони форсӣ гузаштани аҳолии суғдизабони Мовароуннаҳр протсесси тӯлонӣ буд. Аз қайдҳои сайёҳи Хитой Сюан-сзан, ки соли 630 саросари Осиёи Миёнаро гашта буд, дида мешавад, ки номи Су-ли (яъне Суғд) ба тамоми кишвари нопайдоканор – аз худи Суёоб (водии дарёи Чу) сар карда, то худи Кеш (Шаҳрисабзи ҳозира, яъне андаке ҷанубтари Самарқанд) нисбат дорад, яъне ҳам забони мардуми ин кишвар ва ҳам хатти он суғдӣ буд. Чи тавре мебинем, дар ибтидои асри VIII забони суғдӣ на фақат дар хоки худи Суғд (водии Зарафшон ва ноҳияҳои атрофи он, воҳаи Қашқадарё ва ғ.), балки дар хоки Ҳафтрӯд низ паҳн шуда буд, ки он ҷойҳоро суғдиён фаъолона тасхир мекарданд. Боз як исботи он, ки аҳли водии Зарафшон дар чоряки аввали асри VIII ҳанӯз ба забони суғдӣ гап мезаданд, худи ҳамон ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки аз Қалъаи Муғ ба даст омада буд. Тадқиқи ин ҳуҷҷатҳо нишон дод, ки тамоми мукотибаи Деваштич ва дигар феодалҳои Суғд ба забони суғдӣ бурда мешуд. Мактубҳое, ки аз номи Деваштич фиристода шуда буданд ва тамоми мактубҳое, ки ба номи Деваштич меомаданд, ба забони суғдӣ навишта шудаанд. Наршахӣ як воқеаи аҷиберо овардааст, ки ба давраи истилои арабҳо тааллуқ дорад. Истилогарон аҳли Бухороро барои хондани намоз маҷбуран ба масҷиде мебурданд, ки соли 713 сохта шуда буд. Азбаски бухориён (ё худ як қисми бухориён) дар он вақт на забони арабӣ ва на забони форсиро медонистанд, ба ин сабаб дар қафои намозхонҳо як одами махсус меистоду ба забони суғдӣ луқма медод, ки кай ба саҷда раванд, кай аз ҷой хезанд ва умуман одоби намозро чи гуна ба ҷо оваранд.

Аз афти кор, фақат дар асрҳои IX–X қисми асосии мардуми шаҳрҳои калони Мовароуннаҳр (Самарқанд, Бухоро ва ғ.) ба забони форсӣ гузаштанд.

Чи тавре маълум аст, ҳанӯз дар асри X дар Бухоро адабиёти мукаммали форсизабон вуҷуд дошт. Вале дар кишлоқҷойҳо, дар ҷойҳои дур аз шаҳру роҳҳои калон, дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон забони суғдӣ дар амал буд. Ба

қавли географи араб Мақдисӣ дар охирҳои асри X дар рустакҳои Бухоро (дар деҳаҳои тобеи Бухоро) ба забони суғдӣ гап мезаданд: «Суғдиён худ забон доранд; забони рустакҳои Бухоро низ тобеи он аст; худи забон хеле лаҳҷаҳо дорад. Вале ҳама якдигарро мефаҳманд, он ҷо имоми аъзам Муҳаммад ибни Фазлро дидам, ки ба суғдӣ бисёр ҳарф мезад».

Чи тавре дар боло ҳам қайд кардем, дар саргаҳи Зарафшон ва алалхусус, дар ноҳияи шохобҳои саргаҳи он лаҳҷаҳои забони суғдӣ дар тӯли тамоми асрҳои миёна вуҷуд доштанд ва яке аз онҳо бошад, дар водии Яғноб (шохоби чапи Зарафшон) дар рӯзҳои мо ҳам вуҷуд дорад.

Аҳолии суғдизабон ба забони форсӣ гузашта, ба он баъзе унсурҳои забони суғдӣ, алалхусус, унсурҳои лексикии худро дохил мекарданд.[79]

Айнан бо ҳамин роҳҳо забони форсӣ аз ноҳияҳои қадимии Тахористон лаҳҷаҳои маҳаллии шарқиэрониро аз байн бардошт.

Хуллас, забони форсӣ аввал дар шаҳрҳо ва баъди он дар қишлоқҷойҳо паҳн шуд, ки дар ин хел ҷойҳо то худи асрҳои X–XI ҳам бисёр одамон зиндагонӣ мекарданд ва ба забони суғдӣ гап мезаданд. Мувофиқи ривояти сайёҳони асри X ва маъхазҳои хаттии ҳамон давраҳо, забони форсӣ, яъне забони тоҷикӣ ба чанд лаҳҷа тақсим мешуд ва мардуми ҳар як ноҳия ва ҳатто шаҳрҳои калон бо лаҳҷаи худ гап мезаданд. Лаҳҷаҳои Самарқанд, Ҳирот Нишопур, Марв, Балх ва ғ. номбар шудаанд. Дар айни ҳол, лаҳҷаҳои шарқ ба туфайли ҷудо шуда мондани худ, ба туфайли махсус будани талаффузи калимаҳо ва бисёр истифода шудани калимаҳои забонҳои шарқиэронӣ аз лаҳҷаҳои ғарб фарқи калон дошт. Лаҳҷаҳои шарқро «форсӣ» ва лаҳҷаҳои ғарбро «аҷамӣ» меномиданд ва истилоҳи «форсӣ»-ро хеле баъдтар ба лаҳҷаҳои ғарб нисбат медодагӣ шуданд. Ба ақидаи забоншиносон, аллакай дар асрҳои X–XI баъзе хусусиятҳои забоние ба назар мерасиданд, ки хоси забони имрӯзаи тоҷикӣ буданд ва онро аз забони имрӯзаи форсӣ фарқ мекунонданд. Вале фақат пас аз мурури ним ҳазор сол ин фарқият як шакли муайянро гирифта тавонист.

Бисёр масъалаҳои муҳимми ташаккул ва такомули забони тоҷикӣ ҳанӯз мавриди тадқиқи амиқи забоншиносон нашудааст: масалан, ҳоло ҳам масъалаи замон ва макони ташаккули ин забон баҳснок мебошад.[80]

Ба забони тоҷикӣ дар асрҳои IX–X адабиёти бой ба вуҷуд оварда шуд. Ба забони адабии тоҷик лаҳҷаҳои хуросону осиёимиёнагӣ асос гардиданд. Забони адабии тоҷик низ ташаккул ёфта, бо он забон шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс навишта шудаанд.

Равнақу ривоҷи адабиёт басо муҳиму намоён бошад ҳам, фақат як ҷиҳати ташаккулу такомули забони тоҷикиро таҷассум менамуд. Дар асрҳои IX–X дар илм, дар маданияти моддӣ ва маънавӣ дигаргуниҳои амиқ ба амал омада, дар ниҳояти кор боиси ба вуҷуд омадани мактабу равияҳои Осиёи Миёна гардиданд. Маданияти вилоятҳои гуногуни таърих беш аз пеш ба ҳамдигар шабоҳат пайдо кардан гирифтанд.

---

[79] Лившитс В.А., 1957, с. 31 ва диг.

[80] Баҳор М.Т., I-II, 1942; Мирзоев А., 1949; Бертелс Е.Э., 1950; Фозилов М.Ф., 1954; Болдирев А.Н., 1955; Семёнов А.А., 1960; Lazard, 1961; Лившитс В.А., 1962; Капранов В.А., 1964.

Гарчанде ташаккули халқи тоҷик аллакай дар асрҳои IX–X анҷом ёфта бошад ҳам, дар асрҳои минбаъда низ он бетағйир набуд. Аз як тараф, протсесси консолидатсияи халқи тоҷик, тақвияти умумии маданияти маънавӣ ва моддии он ба амал меомад. Аммо истилои аҷнабиён, парокандагии феодалӣ боиси протсессҳое мешуданд, ки баръакси протсессҳои болоӣ буданд. Дар таърихи этникӣ ва мадании тоҷикон муносибат ба қавму тоифаҳои туркзабон, ки мақоми онҳо дар ҳазораи II милодӣ якбора боло рафт, беш аз пеш аҳамият пайдо мекард. Байни ин халқҳо қаробате пайдо шуд. Онҳо якҷоя зидди душманони синфӣ ва истилогарони аҷнабӣ мубориза мебаранд. Дар тамоми неҳзатҳои халқии асрҳои минбаъда, дар набардҳои қаҳрамононаи зидди истилогарони хориҷӣ мо тамоми намояндагони ниёгони халқҳои Осиёи Миёнаро, алалхусус, фарзандони ду халқи наздику ҳамсоя – халқҳои тоҷик ва ӯзбекро дар як саф, паҳлӯ ба паҳлӯ, китф ба китф мебинем. Ҳар яке аз ин халқҳо ба ганҷинаи маданияти ҷаҳон дурдонаҳои бебаҳои худро гузошт, мо ин саҳми онҳоро тадқиқ менамоем ва дар айни ҳол, изҳор медорем, ки онҳо бо ҳамдигар алоқаву робитаи зич доштанд ва ба ҳамдигар таъсир мерасонданд.

Хуллас, дар асрҳои IX–X дар Мовароуннаҳру Хуросон умумияти азими этномадание ташаккул ёфт, ки он тақрибан пурра ба ҳайати давлати Тоҳириён, Саффориён ва, алалхусус, Сомониён дохил мешуданд. Ин умумияти эт-никӣ фақат дар миёнаҳои асрҳои X–XI ва ё худ дар нимаи аввали асри XI соҳиби ном шуд. Ба қавли Байҳақӣ соли 435/1043-44 яке аз муқаррабони султон гуфтааст: «Мо, ки тозик ҳастем...»[81] То ин дам «тозӣ» гуфта, арабҳоро дар назар доштанд. Худи ҳамон Байҳақӣ ривоят мекунад, ки дар муҳорибаи назди Дандонақон (1040) ҳиндуву арабу курдҳо фирор карданд ва танҳо сарбозони тозик бо ҷасорат ҷангиданд.[82] Хуллас, дар нимаи аввали асри XI истилоҳи «тоҷик» номи он халқе гардид, ки дар Осиёи Миёна ва Хуросон ташаккул ёфт.[83]

## Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик

Асри X ва асрҳои минбаъда аз давраҳои нашъунамои адабиёти классикии тоҷику форс ҳисоб меёбанд. Осори адабиёти бадеӣ (аксаран, асарҳои манзум), асарҳои таърихӣ ва илмӣ, ки дар ин давра ба вуҷуд омаданд, дар ҳаёти мадании мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрони ғарбӣ, Ҳиндустони шимолӣ ва бисёр мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна роли калон бозидаанд. Ба тавассути тарҷумаи русӣ ва забонҳои Аврупои ғарбӣ имрӯз ёдгориҳои адабиёти классикии тоҷику форс сарвати мадании бисёр халқҳои ҷаҳон

[81] Байҳақӣ, 1969, с. 725.

[82] Дар ҳамон ҷо, с. 758–759.

[83] Манделштам А.М., 1954 а, с.58. Чунин этимологияи халқӣ ҳаст, ки калимаи «тоҷик» аз «тоҷ» аст. Вале ба ақидаи аксари забоншиносон ин ном ба номи «тай» ном қабилаи арабҳо вобастагӣ дорад. Ҳамсояи арабҳо ва пас аз он дигар халқҳо ҳам, арабҳоро бо номи қабилаҳои онҳо ном мебурданду фақат он номро ба талаффузи худ мувофиқ месохтанд. Аллакай дар асри I милод ин ном ба хитоиҳо маълум буд. Баъди Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо ва ислом овардани мардуми он истилоҳи португалӣ... портусуғдии «тоҷик»-ро ба аҳли мусулмони муқимии эронизабони Осиёи Миёна нисбат доданд (Бартолд В.В., 1963 д, с. 455-457; 1963 г, с. 469–470; Лившитс В.А., 1962 в, с. 87–88; Bailey H.W., с. 20-21).

гардидаанд ва ба ганҷинаи умумии дурдонаҳои қиматбаҳое, ки инсоният андӯхтааст, дохил шудаанд.

Масъалаи пайдоиши ин адабиёт ва пайдоишу интишори забони он, бешубҳа, ҳам барои шарқшиносон ва ҳам барои доираи васеи аҳли илму адаб аз масъалаҳои хеле муҳим ҳисоб меёбад. Барои дурусттар фаҳмидани ин масъала, пеш аз ҳама, лозим меояд, ки ба вазъияти таърихию мадании Эрон ва Осиёи Миёна дар асри X ва асрҳои пешина, ба таърихи забонҳои эронӣ ва осори хаттии мардуми эронизабон муроҷиат кунем.

Истилои Эрон ва Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо ва мусулмонкунонии аҳолии мамлакатҳои забтшуда (асрҳои VII–VIII ва давраҳои баъдина) пайваста бо нест кардани осори хаттии қадим ва алифбои мардуми гуногуни эронизабон – алифбои паҳлавӣ дар Эрон, суғдӣ ва хоразмӣ дар Мовароуннаҳр, бохтарӣ дар Бохтарияи таърихӣ (Тахористон) ва ба ивази онҳо зӯран ҷорӣ кардани забон ва алифбои арабӣ ба вуқӯъ меомад.

Агарчи дар ноҳияҳои ҷудогонаи Эрон (масалан, дар вилоятҳои назди б. Каспӣ), Осиёи Миёна (Хоразм, Суғд) ва Туркистони шарқӣ хатти паҳлавӣ, хоразмӣ, суғдӣ, монӣ, насронӣ дар давоми якчанд асри баъд аз истилои арабҳо то дараҷае нигоҳ дошта шуда бошанд ҳам,[84] дар баробари тадриҷан ба дини ислом гузаштани аҳолӣ имкониятҳои вуҷуд доштан ва инкишоф ёфтани хатҳои ғайриарабӣ ҳамоно суст шудан мегиранд. Асарҳое, ки бо алифбои ғайриарабӣ навишта мешуданд, бо як худи шакли зоҳириашон дар шуури мусулмонон ба ақидаҳои динии қадимаи хилофи ислом алоқа пайдо намуда, бераҳмона несту нобуд карда мешуданд.[85]

Забони арабӣ – забони табақаи болои хилофат ва дини ҳукмрони он чун аслиҳаи мутамарказонии ҳокимият ва ҳукмронии идеологии истилогарони араб хизмат мекард. Соли 81 ҳ. (700–701 м) забони арабӣ забони давлатӣ эълон гардида, ба тадриҷ коргузорӣ ва мукотибаи расмии вилоятҳои таҳти тасарруфи хилофат ба ҳамин забон гузаронида мешавад. Сафолпораҳои алифбои арабӣ сабтшуда, ки аз ҳафриёти археологии Марв ёфт шудаанд ва зоҳиран ба асрҳои VII–VIII тааллуқ доранд, нишон медиҳанд, ки дар Марв такягоҳи маъмурияти хуросонӣ ва мовароуннаҳрии араб ба мақсади тайёр кардани амалдорони арабидон таълими забон ва хатти арабиро ҷорӣ карда будаанд. Мувофиқи маълумоти ал-Ҷаҳшиёрӣ, аз соли 742 донистани забон ва хатти арабӣ барои маъмурияти Хуросон ва ҳамчунин Мовароуннаҳр, ки таҳти идораи ҳукумати Хуросон қарор гирифта буд, ҳатмӣ ва маҷбурӣ гардид. Дар баробари ин дар мукотибаи расмӣ на танҳо намояндагони ҳокимияти араб, балки ҳокимони маҳаллӣ ҳам (лоақал ҳангоми алоқа бо маъмурияти араб) аз забони арабӣ истифода мебурданд. Ин иддаоро, масалан, қадимтарин санади арабизабони аз ҳудуди Мовароуннаҳр ёфтшуда – номаи машҳури «шоҳи Суғд, ҳокими Самарқанд» Девоштак ба ҳокими араби Хуросон (718–719) низ

[84] Ниг.: Henning W. B., 1958; Оранский И.М., 1960, с. 167, 187, 196; «История таджикского народа», т. I, 1963, с. 431–563, 556–565.

[85] Муроҷиат фармоед ба ахбороти ал-Берунӣ дар бораи аз тарафи Қутайба нест кардани ёдгориҳои хаттии Хоразми қадим. Ниг.: Берунӣ, 1957, с.48, 63. Муқ. кунед: нақли дар «Тазкираи Давлатшоҳ» (асри XV) дар бораи бо фармони амири Хуросон Абдулло ибни Тоҳир (солҳои 828-844) нобуд кардани «мероси зардуштӣ» ва умуман «асарҳои ғайриарабӣ» (Ниг.: И. М. Оранский, 1960, 257).

метавонад тасдиқ намояд.[86] Забони арабӣ дар ин давра на танҳо дар мукотибаю коргузорӣ, балки дар адабиёти илмӣ, дар назм ва дигар соҳаҳои маданияти хаттии мардуми эронизабон ҷорӣ карда мешавад. Рисолаҳои илмӣ ва асарҳои сершумори бадеии ба забони арабӣ навиштаи намояндагони вилоятҳои гуногуни Эрон ва Осиёи Миёна, чунончи, Ибн ал-Муқаффаъ (721–757, номи форсиаш Рӯзбеҳ), Ибни Хурдодбеҳ (820-қариби 912) ва ат-Табарӣ (соли ваф. 923) аз Форс; ал-Хоразмӣ (780–847) ва ал-Берунӣ (973–1048) аз Хоразм; Башшор ибни Бурд (710–784) аз Хуросон; ал-Хураймӣ (асри VIII) аз Суғд; Саолабӣ (961–1038), Наршахӣ (асри X), Ибни Сино (қариби 980–1037) аз Бухоро ва ғ. маълуму машҳуранд. Саолабӣ дар асари худаш «Ятимат-уд-даҳр» дар бораи 119 шоире, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони ҳукмронии Сомониён зиндагӣ карда, ба забони арабӣ шеър эҷод кардаанд, маълумот додааст. Албатта, қисми зиёди ин шоирон, ба табақаи аъёну ашроф ва доираҳои расмии ҳукмрон мансубанд. Ин ҳам маълум аст, ки шоир Абӯ Нувос (742-қариби 812), ки худ фарзанди форсдухтар аст ва шеърҳояшро дар дарбори Ҳорунаррашид ба забони арабӣ эҷод кардааст,– мувофиқи маълумоти «Таърихи Систон» дар шеърҳояш калимаҳои форсиро ҳазломезона дохил кардааст.[87]

Ба маданияти хаттии мардуми эронизабон дохил шудани забони арабӣ, албатта, забонҳои зиндаи эронии аҳолии Эрон ва Осиёи Миёнаро аз байн бурда натавонист. Забони арабӣ ба сифати забони адабиёти хаттӣ танҳо дар байни қисмати миқдоран ночизи табақаи ашроф, шоирон ва олимони дарбор ривоҷ ёфта буд. Оммаи васеи аҳолии шаҳру деҳкадаҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон, Эрони ғарбӣ бошад, ба забони модарӣ суҳбат мекарданд, ба ин забон суруд ва достонҳои қаҳрамонӣ эҷод менамуданд. Забони арабӣ барои онҳо ҳамеша бегона монд, вале бо сабабҳои дар боло овардашуда эҷодиёти бадеии мардуми эронизабон дар асрҳои аввали ҳукмронии ислом дар хат инъикос наёфта ва аз ин рӯ, осори хаттии онҳо барои наслҳои оянда боқӣ намондааст.

Дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна роли нисбатан муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи «забони порсӣ» ё «забони форсӣ» оварда мешавад. Бо ин забон эҷодиёти даҳанакии халқ, бе шакку шубҳа, ҳеч гоҳ (ҳатто дар замони истилои арабҳо ҳам) қатъ нашудааст. Аммо аз он ҷо, ки ин эҷодиёти бадеӣ дар хатти арабӣ сабт нагардидааст, қариб тамоман номаълум монда, танҳо аз рӯйи баъзе маълумоти парокандае, ки аксаран аз асарҳои ҷуғрофидонҳо ва муаррихони арабизабони асрҳои аввали ҳукмронии ислом ба даст оварда шудаанд, муҳокима рондан мумкин аст. Масалан, мувофиқи маълумоти ал-Ҷоҳиз (соли ваф. 869) шоири аслан форси асри VII Ибни Муфарриғ дар Басра ба тамасхури тӯдаи одамон бо каломи мавзуни форсӣ ҷавоб гуфтааст.[88]

В.В.Бартолд дубайтии форсии ба харобаҳои Самарқанд бахшидаро, ки Ибни Хурдодбеҳ (асри IX ва аввали асри X) ҳифз намудааст, қайд мекунад.[89]

---

[86] Крачковскийҳо В.А. ва И.Ю., 1934, с. 52; 1955, с. 182–212.

[87] Дар бораи шоирони форс, ки ба арабӣ шеър эҷод кардаанд, ниг.: Эберман В. А., 1927. Муфассал доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абӯ Нувос ниг.: Шидфар Б.Я., Абу Нувас. М., 1978.

[88] Ниг.: Марр Ю.Н., 1939, с. 63.

[89] Ниг.: BSOS,vol. II, part. IV, 1923, pp. 836–838; ИАН, 1933, № 3, 270–271.

Бартолд ҳамчунон маълумоти Табариро дар бораи шайхҳои Мароға, ки шеърҳои «ба форсӣ» эҷодкардаи Муҳаммад ибни Баисро (ваф. миёнаҳои асри IX) мехондаанд, хотирнишон кардааст. Дигар маълумоти Табарӣ (дар санаи 727/728 ва 737) оид ба суруди ҳазломезе, ки сокинони Балх дар бораи ҳуҷуми бебарори қоиммақоми араб дар Хуросон – Асад ибни Абдуллоҳ ба муқобили мардуми башӯромадаи кӯҳистони Хатлон эҷод кардаанд, дар фасли гузашта зикр гардид.[90]

Қаринаи ин маълумот ва худи характери суруд нишон медиҳад, ки вай аз байни халқ баромадааст. Ҳамин тавр, шубҳае намемонад, ки дар ибтидои асри VIII забони зиндаи аҳолии Балх (ва ё қисми он) забони форсӣ будааст. Эҷодиёти бадеӣ ба ин забон, бешубҳа, дар байни монавиҳо низ вуҷуд дошт. Инро ду порчаи шеърии ба хатти монӣ навишташуда, ки аз рӯйи хулосаи профессор Ҳеннинг ба қалами яке аз ҳамзамонони Рӯдакӣ тааллуқ дорад, тасдиқ мекунад.[91]

Шароити ба майдони васеи ҳаёти сиёсӣ ва маданӣ баромадани забони форсӣ ва барои дар хатти арабӣ таҷассум кардани он, пеш аз ҳама, дар вилоятҳои шарқии хилофат – дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон пайдо шуда буд. Маҳз дар ҳамин ҷойҳо аввалин давлатдориҳои мустақили Тоҳириён (821–873), Саффориён (873–903), Сомониён (875–999) ба вуҷуд омаданд ва аъёну ашрофи феодалии маҳаллӣ ва доираҳои тарафдори онҳо забони модарии худ, забони аҳолии маҳаллӣ – забони форсиро ба сифати забони давлатӣ ва адабӣ пешниҳод карда, бо ҳамин роҳ истиқлолияти сиёсӣ ва мадании худро дар назди хилофати араб таъкид ва таъйид менамуданд. Аз ин рӯ, табиист, ки аввалин кӯшишҳои сабти хаттии ин забон ба воситаи алифбои арабӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр, Хуросон ва Систон ба вуқӯъ пайвастааст. Ба илм кай, дар куҷо ва аз тарафи кӣ дар таълифи асарҳои бадеии форсӣ истифода шудани алифбои арабӣ маълум нест, аммо равшан аст, ки худи зиндагӣ, шароити таърихии Мовароуннаҳр, Хуросон ва Систони то асрҳои IX–X ба забони маҳаллӣ ба вуҷуд овардани хат ва адабиёти хаттиро тақозо мекарданд. Ҳарчанд маълумоти сарчашмаҳо комилан саҳеҳ ва аниқ набошанд ҳам, ба ҳар ҳол метавонанд вазъияти муайяни таърихиеро, ки дар он протсесси забони адабии арабиро танг карда баровардани забони форсӣ ба вуқӯъ мепайваст, хеле равшан нишон диҳанд. Маълумоти нисбатан машҳур ва пурарзише, ки ин амри воқеиро ба дурустӣ акс мекунад, дар «Таърихи Систон» сабт гардидааст. Дар сарчашмаи мазкур дар боби ҳуҷуми Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ ба Ҳирот (867) чунин оварда шудааст: «...шуаро ба шарафи ӯ шеърҳои арабӣ гуфтанд: «Оллоҳ шаҳриён ва рустоиёнро бо салтанати Яъқуби қобил ва қодир шарафёб гардонид... Чун ин қабил шеър бихонданд, Яъқуб, ки марди нохондае буд, аз маънӣ огоҳ нашуд. Муҳаммад ибни Восиф ҳузур дошт. Ӯ дабири девони сафир буд ва шахси муаддаб. Он вақт номаи порсӣ набуд. Яъқуб бигуфт: «Чаро он гуфт, ки ман намефаҳмам?» Пас, Муҳаммад ибни Восиф шеъри порсӣ гуфтан гирифт ва аввалин касе аз Аҷам буд, ки шеъри порсӣ гуфт...»[92].

---

[90] Табарӣ, II, 1492, 1494, 1603.
[91] Ниг.: Henning W. B., 1962.
[92] Ин порча дар чанд тарҷума, аз ҷумла, дар тарҷумаи русӣ ҳам маълум аст. Ниг.: ВЯ, 1955, № 5, с. 79–80; Оранский И.М., 1960, с.264-265; «Таърихи Систон», 1974, с.210-213.

Дар ин маълумот сабабҳои аз шеъргӯии арабӣ ба шеъргӯии форсӣ гузаштани шоирони маҳаллӣ ҷолиби диққат аст: ба намояндаи ҳукмрони маҳаллӣ Яъқуб ибни Лайс шеъри ба арабӣ гуфташуда бегона ва нофаҳмост.

Дар сарчашмаҳо, инчунин дигар шоирони ин давра, ки ба забони форсӣ шеър мегуфтанд, зикр гардида,[93] порчаҳои алоҳида аз осори бадеии онҳо оварда шудаанд.[94] Қобили қайд аст, ки қариб ҳамаи ин шоирон дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон – вилоятҳое, ки дар ҳудуди онҳо протсесси ташаккули халқи тоҷик ба вуҷуд меомад, таваллуд ёфта, умр ба сар бурдаанд. Инкишофи пуршукӯҳи адабиёти классикии тоҷику форс, махсусан, аз давраи Сомониён, аз даврае, ки Рӯдакӣ (охири асри IX миёнаи асри X) ва Фирдавсӣ (933/934-1020 ё 1025) ва инчунин, ҳамзамонҳои онҳо Дақиқӣ (соли ваф. 977), Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ ва дигарон асарҳои пурқимати бадеиашонро ба забони форсӣ эҷод кардаанд, сар мешавад. Ба вуҷуд омадани аввалин асарҳои насрии адабиёти классикии тоҷику форс низ ба ҳамин замон ва маҳал тааллуқ доранд, ки дар байни онҳо, пеш аз ҳама, асарҳои зеринро бояд ном бурд:

1) «Муқаддимаи Абӯмансурӣ»-и «Шоҳнома», ки соли 957 дар Тӯс (Хуросон) навишта шудааст;

2) «Дорушиносӣ»-и Муваффақи Ҳиравӣ дар замони ҳукмронии Мансур ибн Нӯҳ (961–976) дар Бухоро навишта шудааст;[95]

3) «Ҳудуд-ул-олам» асари ҷуғрофии муаллифаш номаълум, ки соли 982/983 дар Гургон (шимолу ғарби Афғонистони имрӯза) ба таълифи он шурӯъ кардаанд;

4) Асари ҷуғрофии Абулмуайяди Балхӣ, ки бо номи «Аҷоиб-ул-булдон» ва ё «Китоби аҷоиботи баҳру бар» [96] машҳур аст.

Аз миёнаҳои асри XI адабиёти классикии тоҷику форс бо як қатор асарҳои оригиналии таърихӣ, монанди «Зайн-ул-ахбор»-и Абӯсаиди Гардезӣ (таълифаш дар байни солҳои 1048 ва 1052), «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (соли ваф. 1077), «Таърихи Систон» (муаллифаш маълум нест, қисми асосиаш, ба назари мо, дар нимаи дувуми асри XI навишта шудааст) бой мегардад.

Майли дар адабиёти хаттӣ ҷорӣ кардани забони модарӣ дар фаъолияти тарҷумонии давраи Сомониён низ равшан мушоҳида мешавад. Дар байни асарҳои дар ин давра аз арабӣ ба забони форсӣ тарҷумашуда асари машҳури «Таърихи Табарӣ» ва асари дигари калонҳаҷми ӯ «Тафсир» (тафсири Қуръон) аҳамияти бештар касб кардаанд. Тарҷумаи ҳар дуи ин асар (аниқтараш

---

[93] Rempis Ch. H., GDMG.

[94] Аз рӯйи ҳисоби Л.П. Смирнова танҳо дар «Таърихи Систон» 126 байт ба забони форсӣ оварда шудааст. Ниг.: «Таърихи Систон», 1974, с. 29.

[95] Маҳз ҳамин асар аз қадимтарин дастхатҳои бо хатти арабӣ китобатшудаи тоҷикӣ-форсист, ки то замони мо омада расидааст.

[96] Ин асари ягонаи Абулмуайяди Балхист, ки дастраси мо гардидааст. Асарҳои дар дигар сарчашмаҳо («Таърихи Систон») ёдоваршудаи ин муаллиф («Шоҳнома»-и манзум ва мансур, инчунин китоби «Гаршосп», ки шояд ба таркиби асари аввала дохил мешуда бошад) чун иқтибосҳои алоҳида дар асарҳои муаллифони дигар боқӣ мондаанд. Дар бораи Абулмуайяди Балхӣ ва асарҳои ӯ ниг.: Lazard G., Abul Mu’ayadi Balkhi, 1967; дар китоби «Таърихи Систон», с. 30–31.

тарҷумаи асари аввал тафсир аст) ба як давраи муайян (қарибi соли 963)[97] тааллуқ дошта, бо фармони ҳокимони сомонӣ ва муқаррабони онҳо иҷро шудаанд. Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» ба қалами ходими намоёни давраи Сомониён Абӯалӣ Муҳаммад Балъамӣ, ки чун ҳомии адабиёт низ машҳур аст, тааллуқ дорад. Худи Балъамӣ дар сарсухани арабии асар сабаби ба тарҷума даст задани худро чунин баён мекунад: «Ва (ин китобро) порсии дарӣ гардонидам, то малик ва атбои ӯ битавонанд хондан ва фаҳмидан ва ба ҳар касе, ки бихоҳад маонии он донистан, мушкиле рӯ наёрад». Айнан бо ҳамин ният китоби «Тафсир» ҳам, мисли асари зикршуда, бо фармони амири сомонӣ Мансур ибни Нӯҳ (961–976) ба забони форсӣ тарҷума шудааст.

Боз як далели дигарро меорем, ки ба давраи Сомониён мансуб аст:

Амири Сомонӣ[98] уламои Мовароуннаҳрро ҷамъ карда, супориш дод, ки асаре роҷеъ ба оину русумот иншо кунанд. Имомҳои Бухоро ба Хоҷаимом Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ[99] ишора карданд. Вай ин китобро ба арабӣ таълиф намуд ва кулли уламо писандиданд. Пас амир «фармуд, ки ин китобро ба порсӣ бояд кард, то хоссу омро манфиат бувад». Аз ин маълумот ва далелҳо чунин бармеояд, ки сабаби асосии ҷорӣ кардани забони хаттии форсӣ асарҳои бо ин хат навишташударо ба аҳолии маҳаллӣ дастрас намудан будааст.

Забони арабӣ, албатта, якбора ҷойи худро ба забони форсии нав соҳиби хатшуда надод. Адабиёти хаттии арабӣ ва адабиёти хаттии форсӣ дар муддати мадид ба таври мувозӣ вуҷуд доштанд.[100] Аммо забони форсӣ кам-кам доираи истеъмоли забони арабиро дар соҳаҳои гуногуни адабиёти хаттӣ маҳдуд кардан гирифт. Таваҷҷуҳ шавад ба ин маълумоти «Таърихи Систон»: «Шуарои араб ба ӯ шеърҳои зиёде бахшиданд, аммо матлаби мо дар ин китоб шеъри порсист, ба истисноi он мавриде, ки мо оҷиз бошем ва шеъри порсӣ пайдо карда натавонем».[101]

Чунонки дуруст таъкид шудааст, интишори забони форсӣ дар соҳаҳои гуногуни хат «қонунияти прогрессивии таърихӣ буда, муборизаи мардуми як қатор давлатҳои Эрон ва Осиёи Миёнаро ба муқобили ҳукмронии сиёсӣ ва мафкуравии хилофат инъикос мекард».[102]

Далелҳои сершумори ҳаёти маданӣ ва адабии Осиёи Миёнаи пеш аз муғул нишон медиҳанд, ки забони арабӣ барои аҳолии ин мамлакатҳо ҳамеша бегона буд ва дар хат ҷорӣ кардани забони ин мардум, яъне забони порсӣ яке аз муҳимтарин заруратҳои замон ба шумор мерафт. Маълум аст, ки асари Наршахӣ «Таърихи Бухоро» бори аввал ба забони арабӣ (933–934) навишта шуда буд, аммо соли 1128 ба забони форсӣ тарҷума шуда, соли 1178 ин тарҷума дубора таҳрир ёфт.

Дар ин бора мутарҷими асар дар муқаддимаи он чунин менависад: «Ва таълифи ин китоб ба арабӣ будааст ба иборати балеғ... ва чун бештар мардум

---

97 Тахмин мекунанд, ки гӯё тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» соли 936 сар шуда бошад. Ниг.: Грязневич П.А. ва Болдирев А.Н., 1957, с. 55, эзоҳи 37.

98 Аз афти кор, Наср II (914–943) ё Нӯҳ I (943–954).

99 Соли 953/954 вафот кардааст.

100 Анъанаи аз забони арабӣ истифода бурдан, махсусан дар асарҳои динӣ ва илмӣ хеле устувор буд.

101 «Таърихи Систон», 1974, с. 310.

102 Болдирев А.Н., 1955, с. 87.

ба хондани китоби арабӣ рағбат наменамуданд, дӯстон аз ман дархост карданд, ки ин китобро ба форсӣ тарҷума кун. Дархости ишонро иҷобат кардам ва ин китобро баъд аз гузаштани яксаду навад сол аз таълифи он ба порсӣ тарҷума кардам».[103]

Пас аз Мовароуннаҳр, Хуросон ва Систон дар дигар вилоятҳои Эрон (ба маънои васеи ин калима) забони форсӣ доираи забони арабиро дар навиштаҷот беш аз пеш танг мекунад. Дар охири асри X ва аввали асри XI дар Гургон дар дарбори Қобус ибни Вушмгир (976–1012), аз аввали асри XI дар Ғазна дар дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ (988–1030), аз солҳои 40-уми асри XI дар Табриз (Қатрон) баъзе шоирон ба гуфтани шеъри форсӣ сар мекунанд. Аз соли 1022 то соли 1037 фаъолияти донишманди бузурги халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар Исфаҳон мегузарад ва дар ҳамин ҷо барои ҳокими маҳаллӣ якчанд асар, аз ҷумла асари машҳураш «Донишнома» ё «Донистанномаи Алоӣ»-ро ба забони форсӣ эҷод кардааст. Дар ин ҷо низ ба мисли Мовароуннаҳр ва Хуросон сабаби аз адабиёти арабизабон ба адабиёти форсизабон гузаштани он ба оммаи халқ фаҳмо шудани ин адабиёт буд. Муаллифи яке аз асарҳои чоряки аввали асри XII чунин менависад: «Ва шунидам, ки худованди мозӣ Алоуддавла...[104] хоҷараис Абӯалӣ ибни Синоро гуфт: – Агар илми аввал ба иборати порсӣ будӣ, ман битавонистаме донистан! Бад-ин сабаб ба ҳукми фармон «Донистанномаи Алоӣ» сохт ва чун пардохт ва арза кард, аз он ҳеҷ дарнатавонист ёфтан».[105]

Худи Абӯалӣ ибни Сино ҳам ба забони форсӣ эҷод кардани чанде аз асарҳои илмиашро бо майли ба омма фаҳмо кардани онҳо алоқаманд кардааст.

Таъсир ва шуҳрати адабиёти хаттии форсӣ дар асрҳои миёна чунон бузург буд, ки вай на танҳо дар мамлакатҳое, ки забони форсӣ барои аҳолии онҳо забони модарӣ ҳисоб мешуд (Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрони ғарбӣ), балки дар кишварҳои берун аз ҳудуди онҳо Озарбойҷон, Осиёи Хурд, Курдистон, Афғонистон, Ҳиндустони шимолӣ, Туркистони Шарқӣ низ эҷод мешуд.

Мумкин аст хотирнишон кард, ки адабиёти хаттии форсизабон аз охири асри IX ва аввали асри X дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ ва мадании мамлакатҳои гуногуни Шарқи Наздик ва Миёна васеъ паҳн мешавад. Забони форсӣ на фақат барои мардуми тоҷик ва форс, инчунин барои халқҳои гуногуни ин нуқоти Шарқ курдҳо, афғонҳо, ҳиндуҳо, мардуми туркзабони Озарбойҷон, Осиёи Хурд ва Мовароуннаҳр дар ибтидои асрҳои миёна (ва аксаран баъдтар ҳам) забони асосӣ ва забони асосии (ва ҳатто ягонаи) адабиёти хаттӣ ба шумор мерафт.

Забони форсӣ забони арабиро, ҳатто дар навиштаҷоти асбобҳои рӯзгор ва катибаҳо танг кардааст. Аввалин хатти ба забони форсӣ дар рӯйи пиёлаи нуқра сабтшуда ба асри XI тааллуқ дорад.[106] Дар хатти арабии рӯйи сафолпораҳое, ки аз ҳафриёти археологии Марв ёфт шудаанд, ба гуфти

---

[103] Наршахӣ, «Таърихи Бухоро» (муқаддимаи тарҷумаи форсӣ), 1904, с. 3.
[104] Ҳокими Исфаҳон аз соли 1007 то 1041.
[105] Иқтибос аз мақолаи Болдирев А. Н., «Из истории развития персидского литературного языка», «Вопросы языкознания», 1955, № 5, с. 83.
[106] Маршак Б.И., 1976, с. 162.

М.Е.Массон, таъсири талаффузи забони тоҷикӣ аён аст.[107] Аввалин матни тоҷикии дар рӯйи қайроқсанги аз қабристони Самарқанд пайдошуда ба аввали асри XIII тааллуқ дорад.[108]

Дар ҳамаи сарчашмаҳо забони ин адабиёти арабихат «форсӣ», «порсӣ», «порсии дарӣ» номида мешавад.

Ин номҳо чиро ифода мекунанд? Калимаи «дарӣ» сифати нисбӣ аз «дар», яъне дарбор (дарбори шоҳ) буда, маънои «дарборӣ»-ро дорад. Дар ин истилоҳ вазъияти дақиқи маданию таърихии он замон, замоне, ки адабиёти хаттӣ асосан дар дарбори ҳукуматдорони феодалӣ ба вуҷуд меомад, инъикос ёфтааст.

Муаллифони арабизабони асрҳои миёна ин истилоҳро ба забони дарбори Сосониён дар Мадоин алоқаманд мекунанд. Дар давраҳои баъдина ин истилоҳ маъноҳои дигар низ пайдо намуд, аз ҷумла, услуби муайяни аввалин асарҳои ба забони форсӣ эҷодшуда, ки аз арабизмҳои зиёд ва гуфторҳои сертакаллуфи хоси забони адабии асрҳои минбаъда холианд, бо ҳамин истилоҳ ифода шудааст.[109]

Истилоҳи «дарӣ» дар адабиёти илмӣ баъзан бо лаҳҷаҳои маҳаллӣ порсҳои (зардуштони) Йазд ва Кирмон ва ҳамчунин лаҳҷаи Сивандӣ (воқеъ дар самти шарқии Теҳрон) ва ғ. низ мансубият пайдо кардааст. Ҳоло ин истилоҳ дар Афғонистон нисбат ба шакли хаттии яке аз забонҳои расмии ин мамлакат – забони форсии кобулӣ истифода мешавад.

«Забони форсӣ» ва «забони дарӣ»-ро ҳамчун ду забони гуногун ба ҳамдигар муқобил гузоштан ҳам нодуруст аст. Балъамӣ дар муқаддимаи арабии «Таърихи Табарӣ» (қариби соли 963) забони тарҷумаашро «забони форсии дарӣ» меномад. Баъдтар (зоҳиран, баъд аз соли 976[110]) муқаддимаи арабии ин тарҷума ба муқаддимаи форсӣ баргардонда мешавад, ки дар он забони ин тарҷума «порсӣ» номида шудааст. Ҳамин тавр, ҳеҷ як шубҳае нест, ки истилоҳҳои форсӣ, форсии дарӣ, ба айни як маъно кор фармуда шудаанд. Бо ҳамаи ин истилоҳҳо як забон – забони адабиёти классикии форсу тоҷик «забон порсӣ» ифода шудааст.

Ба он ақида ҳам, ки забони паҳлавӣ (забони форсии миёна) ва забони форсӣ гӯё ду забони гуногун бошанд, розӣ шудан мумкин нест. «Забони форсии миёна ва забони форсӣ (забони бо хатти арабӣ навишташудаи осори адабиёти тоҷику форс) ду давраи инкишофи пай дар пайи як забон мебошанд, ки дар хатҳои гуногунсистема – паҳлавӣ, монӣ, арабӣ инъикос ёфтаанд. Муаллифоне, ки забони форсӣ ва забони форсии миёнаро аз ҳам ҷудо мекунанд, хоҳу нохоҳ таърихи забони адабиёти классикии тоҷикро маҳдуд мекунанд. Ин забон ду-се аср пеш аз истилои араб не, чунонки баъзе муаллифон менависанд,[111] балки якуним ҳазор сол пештар ба вуҷуд омада, ёдгориҳои хаттии он ба асри VI пеш аз милод рафта мерасад.

Ду масъаларо аз ҳамдигар фарқ кардан лозим аст: яке – масъалаи макон ва замони пайдоиши забони адабиёти классикии тоҷику форс, масъалаи асосии

[107] Массон М.Е., 1978, с. 88.
[108] ФС, 237.
[109] Семенов А.А., 1960.
[110] Ниг.: Грязневич А.П. ва Болдирев А.Н., 1957, с. 56.
[111] Ниг.: «СШ», 1975, с. 132.

лаҳҷавии забони ин адабиёт ва дигаре – масъалаи таърихи ин забон ва ҷойи он дар байни забонҳои дигари эронӣ.

Оид ба масъалаи якум ба вуҷуд омадани ду фикр мумкин нест. «Забони адабиёти классикии тоҷику форс дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Систон, Хуросон ташаккул ёфтааст. Маҳз дар ҳамин ҷо, (асрҳои IX–X) пояи забони адабие, ки дар ҳаёти таърихию мадании Осиёи Миёна, Эрон ва мамлакатҳои дигари Шарқи Наздик ва Миёна роли бузург бозидааст, устувор гардид. Маҳз аз Бухоро, Самарқанд, Балх, Ҳирот, Тӯс ва дигар вилоятҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон аввалин эҷодкорони бузурги ин адабиёт ба зуҳур омаданд. Ном гирифтани Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём кифоя аст. Ин ҳам тасодуф нест, ки бузургтарин шоирони дарбори Ғазнавиён ва Салҷуқиён аз вилоятҳои мазкур (Унсурӣ аз Балх, Фаррухӣ аз Систон, Анварӣ аз Сарахс, Муиззӣ аз Нишопур ва ғ.) бaромаданд. Мувофиқи маълумоти тазкираи Муҳаммад Авфӣ (1221, 1222), ки қадимтарин тазкираи то ба замони мо расида «Лубоб-ал-боб» ба шумор меравад, аз 106 шоири замони Салҷуқиҳо 68 нафарашон дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ва танҳо 16 нафари онҳо дар вилоятҳои ғарбии Эрон ба дунё омадаанд.[112]

Ин далелҳо бори дигар собит мекунанд, ки то давраи ҳуҷуми муғулҳо адабиёти форсизабон на дар ҳудуди Эрони ғарбӣ, балки дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон дар ҳудуди вилоятҳое, ки асосгузорони адабиёти классикии тоҷику форс Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва ҳамзамонону пайравони онҳо зиндагӣ ва асар эҷод мекарданд, инкишоф ёфтааст. Аз ин рӯ, бесабаб нест, ки Асадии Тӯсӣ дар муқаддимаи «Луғати фурс» (1065–1066) «луғати фурс – лисони аҳли Балх, Мовароуннаҳр ва Хуросон» гуфтааст.[113]

Ҳар гоҳ ки сухан аз таърихи қадимтарин марҳилаҳои инкишофи ин забон равад, забони адабиёти классикии тоҷику форсро аз давраҳои гузаштаи тараққиёти он, ки дар ёдгориҳои хаттии форсии қадим ва миёна муҷассам шудааст, набояд ҷудо кард. Ин забон дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст ва ба вуҷуд омада ҳам наметавонист. Таърихи он на ин ки аз давраи истилои араб, балки аз асри VI пеш аз милод шурӯъ мегардад, ки ин иддаоро ёдгориҳои хаттӣ тасдиқ менамоянд.

## 3. ИЛМ ВА АДАБИЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК (АСРҲОИ IX–X)

### Тараққиёти адабиёти бадеӣ

Вазъияти сиёсии Осиёи Миёна ҳанӯз дар ибтидои асри IX барои тараққии адабиёти нави китобии тоҷик, ки бар асоси эҷодиёти даҳанакии халқ қарор гирифта буд, шароити мусоид фароҳам овард, вале ин шароит самараҳои худро дар вақти Сомониён бахшид. Бинобар ҳамин ҳам давраи Сомониён давраи пайдоиши адабиёти классикии тоҷику форс ба шумор меравад.

Дар айни замон ин ифодаро чунин бояд фаҳмид, ки замони Сомониён аслан на давраи ба вуҷуд омадани адабиёти нави тоҷику форс, балки фақат

[112] Ниг.: Бертелс Е.Э., 1950, с. 63.
[113] Иқтибос аз «СШ», 1975, № 8, с. 131.

давраи расман эътироф гардидан, ба шакли хаттӣ зуҳур ёфтан ва нашъунамои ин адабиёт мебошад.

Хеле вақт пеш аз барпо гардидани давлати Сомониён тоҷикон бо забони модарии худ лафзан асарҳои бадеӣ эҷод мекарданд. Чунин амри воқеӣ, ки дар тамоми давраи ҳукмронии арабҳо анъанаҳои адабии қабл аз ислом аз байн нарафтанд ва халқ образҳои бадеӣ ва сюжетҳои бостониро маҳфуз дошт, яке аз далелҳои нисбат ба асри IX хеле қадимтар будани таърихи адабиёти тоҷик мебошад.

Дар замони Сомониён дар баробари тараққӣ кардани адабиёт ба забони тоҷикӣ (дарӣ) адабиёти арабизабон низ равнақ ёфт. Эҷодкунандагони ин адабиёт дар Мовароуннаҳр бештар он тоҷиконе буданд, ки бо доираҳои расмӣ муносибат дошта, ғайр аз забони модарии худ забони арабиро ҳам нағз медонистанд.

Ин давра дар таърихи тараққиёти адабиёти классикии тоҷику форс дар асрҳои миёна яке аз муҳимтарин давраҳо ба шумор меравад.

Сомониён аз он сабаб шоиронро ба дарбори худ ҷамъ мекарданд, ки ба воситаи онҳо шуҳрати худро зиёдтар паҳн намоянд. Аз тарафи дигар, саъю кӯшиш ба маъруфият, инчунин тангии маишат шоирон ва нависандагонро маҷбур менамуд, ки ба дарбори ин ва ё он ҳоким рӯ оваранд.

Дар адабиёти давраи Сомониён ҳам, монанди адабиёти асрҳои минбаъдаи замони феодалӣ, ду тамоюлро қайд кардан мумкин аст: яке – майлҳои халқӣ, дигаре – майлҳои феодалӣ (ашрофӣ-клерикалӣ).[114] Табиист, ки таваҷҷуҳи моро асосан дар ин ҷо нависандагоне, ба худ ҷалб мекунанд, ки дар эҷодиёти онҳо майлҳои халқӣ бартарӣ доранд.

Асосгузори эътирофшудаи назми классикии тоҷику форс устод Рӯдакӣ мебошад, ки ҳанӯз дар ҷавонӣ чун навозанда ва ҳофизи халқ шуҳрат ёфта буд.

Абӯабдулло Ҷаъфар Рӯдакӣ дар охирҳои асри IX дар деҳаи Панҷрӯд (наздикии Панҷакент) дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Дар бораи ҳаёти ин шоири мумтоз ва, алалхусус, роҷеъ ба давраи бачагии ӯ маълумот ниҳоятдараҷа кам аст.

Барои донистани қисмати Рӯдакӣ кашфиёти асосгузори адабиёти советии тоҷик устод С.Айнӣ аҳамияти ҳалкунанда дошт. С.Айнӣ пас аз таҳқиқи дақиқонаи сарчашмаҳо ва пурсуҷӯи куҳансолони маҳаллӣ ба чунин хулосае омад, ки қабри Рӯдакӣ дар деҳаи зодгоҳи ӯст. То ин дам касе инро тахмин ҳам накарда буд. Ин воқеият барои кушодани бисёр укдаҳои ҳаёти Рӯдакӣ кумак расонид ва собит намуд, ки шоири забардасти аз тарафи Сомониён ҳимоятдида, чи навъе ки ривоят мекунанд, солҳои охири умри худро дар хориву залилӣ гузаронида, дар як деҳачаи номашҳури кӯҳистон аз дунё гузашт ва дафн карда шуд. Чунин буд қисмати шоир дар замони феодалӣ.[115]

Рӯдакӣ дар овони ҷавонӣ ба туфайли овози хуш, истеъдоди шоирӣ ва маҳорати чангнавозии худ шуҳрати зиёде пайдо карда буд. Ба ин восита вай аз тарафи Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ (914–943) ба дарбор кашида шуд ва қисми асосии ҳаёти ӯ дар муҳити дарбор гузашт. Чи навъе ки Абулфазли Балъамӣ мегӯяд, «Рӯдакӣ пешқадамтарини ҳамасронаш будааст дар шеъри

[114] Муфассалан ниг.: Брагинский И.С, 1956.
[115] Айнӣ С. 1959, с. 30–36.

порсӣ (тоҷикӣ) дар замони худ, ки дар Араб ва Аҷам монандаш нест»; ӯ на фақат устоди шеър, дар айни замон ҳофиз ва навозандаи забардасте низ ба шумор мерафт. Рӯдакӣ мураббӣ ва мувозиби шоирони навқалам буд, ки ин обрӯву эътибори ӯро боз ҳам зиёдтар мекард.

Бо вуҷуди ин, Рӯдакӣ дар айёми пирии худ дучори бисёр маҳрумиятҳо гардид. Дар соли 937 ҳомӣ ва дӯсти наздики ӯ Балъамӣ, ки сарвазири Насри II буд, аз кор дур карда шуд. Шоири куҳансоли нобино ё шояд зӯран кӯр кардашуда, ба гуноҳи дӯсти Абулфазли Балъамӣ буданаш ва ё ба шӯриши халқии қармата хайрхоҳӣ карданаш аз дарбор ронда шуда, ба зодгоҳи худ баргашт.

Рӯдакӣ пас аз ин воқеа бисёр зиндагӣ карда натавонист. Чи навъе ки Самъонӣ дар китоби «ал-Ансоб» менависад, ӯ дар соли 941 (аз рӯйи дигар далелҳо – дар соли 952) дар деҳаи худ Панҷрӯд вафот кард.[116]

Аз осори Рӯдакӣ то замони мо танҳо бештар аз як ҳазор байт омада расидааст. Ҳамин шеърҳои боқимонда низ ба маҳорати баланди шоирии ӯ, ки дар тамоми жанрҳои назми он давра, монанди марсия, қитъа, рубоӣ, ғазал, маснавӣ (чун маҷмӯаи амсоли маъруфи «Калила ва Димна» ва ғ.) зоҳир гардидааст, метавонанд гувоҳӣ диҳанд.

Рӯдакӣ аз қабили қасидасароёни маъмули дарбор набуд. Қасидаҳои ӯ бо тасвири возеҳи манзараҳои табиат, васфи сурури зиндагӣ ва ишқ шурӯъ мегардиданд: қисмати насиб (муқаддима) назар ба мадҳия ҷозибаноктарин қисмати қасидаҳои вайро фароҳам меовард. Ашъори Рӯдакӣ аз ҷиҳатҳои динӣ қариб тамоман холӣ буда, дар аксари онҳо андешаҳои амиқи фалсафӣ нуҳуфтаанд. Чунончи, беҳтарин абёти ӯ роҷеъ ба гардиши доимии моддаҳо ва муборизаи наву куҳна мисоли барҷастаи ҳамин навъ шеърҳост. Дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» шоир сабабгори фаро расидани пириро пурсида, худ дар ҷавоби он мегӯяд:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад,
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд,
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.
Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.[117]

Рӯдакӣ дар шеърҳои худ хирад ва дониш, накӯкорӣ ва далериро тараннум карда, мардумро ба наҳаросидан аз сахтиҳои рӯзгор ва мардонавор бартараф кардани онҳо даъват менамояд, ғояҳои инсониятпарварӣ ва меҳнатдӯстиро таблиғ намуда, дар ин бобат аксаран ақидаҳои дар миёни халқ пайдошударо

[116] Роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ тадқиқот бисёр аст, хусусан ба муносибати ҷашни 1100-солагии таваллуди ӯ асарҳои зиёде таълиф ва нашр гардидаанд. Ниг.: Мирзоев А.М., 1968, ки феҳристи мукаммали адабиёти оид ба Рӯдакӣ зикр ёфтааст. Инчунин муроҷиат шавад ба асари олими Эрон Саид Нафисӣ (Теҳрон, ҷилдҳои I-III, 1309-1313 ҳ.).

[117] Осори Рӯдакӣ, 1958, с. 19-20.

ифода мекунад. Ӯ бо эҷодиёти худ пояҳои назми тоҷику форсро устувор намуда, жанр ва навъҳои асосии шеъриро ба таомул медарорад. Дар ашъори ӯ қариб ҳамаи вазнҳои арӯзӣ ва системаи образҳо ба худ шакли муайян мегиранд.

Шеърҳои Рӯдакӣ сармашқи шоирони минбаъдаи тоҷик гардид. Рӯдакӣ ба таври ҳаққонӣ ҳамчун асосгузори назми классикӣ шинохта шудааст, назме, ки дар асрҳои X–XV дар миёни тоҷикон ва форсҳо интишор ёфта, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ барин симоҳои бузургро ба арсаи вуҷуд овард. Классикони ин назм Рӯдакиро устоди худ дониста, ӯро ҳамеша бо муҳаббат ва эҳтироми тамом ёд кардаанд.

Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ дар деҳаи Ҷаҳидонаки Балх таваллуд ёфтааст. Дар бораи ҳаёти ӯ низ маълумоти ниҳоят кам мавҷуд аст. Аз сарчашмаҳо фақат ҳаминро метавон донист, ки Шаҳид яке аз беҳтарин шоирони дарбори Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ ва наздиктарин шогирди Рӯдакӣ ба шумор мерафт.

Шаҳиди Балхӣ на танҳо шоир, дар айни замон яке аз олимони пешқадами давраи Сомониён буд. Муаллифи «Китоб-ул-феҳрист» Ибн ан-Надим дар бораи ӯ чунин менависад: «Дар замони ар-Розӣ[118] марде буд маъруф ва Шаҳид ибн-ул-Ҳусейн... дар ҳикмат бағоят моҳир ва соҳиби мусаннафоти бисёр ва байни вай ва Розӣ мунозирот будааст»...

Шаҳид пештар аз Рӯдакӣ вафот кард. Шоири куҳансол дар фавти шогирди азизи худ марсияи ҷонсӯзе дорад.

Абӯшакури Балхӣ дар соли 915 таваллуд ёфтааст. Дар аҳди салтанати Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (943–954) ӯро ба дарбор кашидаанд. Номи ӯ бо маснавии «Офариннома», ки дар соли 944 навиштааст, шуҳрат пайдо кард. Аз ин маснавӣ фақат баъзе қисматҳои пароканда то замони мо расидааст. Зоҳиран, ин нахустин достони дидактикии адабиёти классикии тоҷику форс ба шумор меравад. Илова бар ин, Абӯшакур боз ду маснавӣ таълиф карда будааст, ки аз онҳо чизе боқӣ намондааст. Ӯ ба равияи рубоиёти халқӣ шеър гуфта, дар айни замон ба сабки мураккаб, зарофат ва хушбаёнӣ низ аҳамият додааст. Шеърҳои мураккаббаёни ӯ чунон машҳур гардида буданд, ки онҳоро ба забони арабӣ ҳам тарҷума намудаанд.

Робиаи Балхӣ нахустин шоираи ба мо маълуми даризабон аст. Дар чанде аз тазкираҳо шеърҳои ошиқонаи пурэҳсос ва санъаткоронаи вай зикр ёфтаанд. Қиссаи ишқи фоҷиавии Робиа ва ғуломи ҷавон, ки дар асри XIII Фаридаддини Аттор ба риштаи назм кашидааст, бо номи ҳамин шоира алоқаманд мебошад. Дар бораи зиндагонии ӯ ягон маълумоти воқеӣ мавҷуд нест. Агар баъзе ривоятҳоро ба асос гирем, Робиа ҳамзамони Рӯдакӣ буда, устод ба ашъори ӯ арзиши баланд додааст. Ба арсаи вуҷуд омадани шоираи баркамол аз дараҷаи баланди маданияти он замон гувоҳӣ медиҳад.

Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ (вафоташ тақрибан с.977). Ҷойи таваллуди ин шоир ҳанӯз маълум нагардидааст. Баъзе ӯро аз Тӯс (дар Хуросон), баъзе аз Самарқанд ва ё Бухоро медонанд, дар ҳар сурат вай тамоми умри худро дар Мовароуннаҳр ба сар бурдааст. Дақиқӣ фаъолияти худро дар

[118] Олим ва табиби маъруф Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (тақрибан соли 865-925) дар назар дошта шудааст.

дарбори ҳокими вилояти Чағониён, ки дар он замон яке аз ободтарин маҳалҳои давлати Сомониён ба шумор мерафт, сар кард. Шуҳрати санъаткории Дақиқӣ то дараҷае расид, ки дар як муддати кӯтоҳ ба Бухоро – ба дарбори Сомониён даъват карда шуд.

Дар он замон гирд овардани афсона ва ривоятҳои бостонӣ мавриди таваҷҷуҳи доираҳои ҳукмрон қарор гирифта буд. Бо анъанаҳои қаҳрамонии замонҳои гузашта шинос кардани оммаи халқ барои муттаҳид гардидани онҳо дар мубориза баҳри давлати мустақил аҳамияти калоне дошт. Бинобар ин Сомониён ба ҷамъ намудани нақлу ривоятҳои қадимаи қаҳрамонӣ-асотирӣ чи аз сарчашмаҳои таърихии паҳлавӣ, чи арабӣ ва хусусан аз забони мӯбадон диққати махсусе медоданд. «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» низ маҳз ба ҳамин муносибат ба вуҷуд омада буд.

Амир Нӯҳи II Сомонӣ (976–977) ба Дақиқӣ фармуд, ки ин «Шоҳнома»-ро ба риштаи назм кашад. Вале умри шоир барои анҷом додани ин вазифа кифоя накард – соли 977 ӯ дар як шаби базм аз тарафи ғуломи худ кушта шуд.

Мумкин аст, ки ӯ қурбони фитнаву дасисаҳои шахсони тарафдори дини ислом гардида бошад, ки ба фаъолияти барқарор намудани анъанаҳои қаҳрамонӣ назари душманона доштанд.

Ҳазор байти Дақиқӣ, ки дар он муборизаи байни Гуштосп (Виштосп) ва Арҷосп тасвир ёфта буд, аз тарафи Фирдавсӣ ба «Шоҳнома» ҳамроҳ карда шуд.

Дар бораи миқдори байтҳои «Шоҳнома»-и Дақиқӣ ақидаҳои дигар низ мавҷуданд: чунончи, муаллифи аввалин тазкираи ба мо расидаи асри XIII Муҳаммади Авфӣ ҳатто дар бораи бист ҳазор будани ин байтҳо сухан меронад.

Бузургтарин шоири он замон Абулқосим Фирдавсӣ байни солҳои 934 ва ё 941 дар деҳаи Бож, наздикии Тӯс, аз оилаи аъёни миёнаҳол таваллуд ёфта, маълумоти нисбат ба он давра хубе ба даст овард. Ӯ ғайр аз забони модарии худ – дарӣ забони арабӣ ва паҳлавиро (форсии миёна) низ нағз азхуд кард. Ба ин восита дар вақти таълифи «Шоҳнома» вай имкон дошт аз тамоми асарҳое, ки бо ин забонҳо навишта шуда буданд, истифода намояд.

Фирдавсӣ дар синни 35-солагӣ, пас аз он ки ба Бухоро ва дигар ҷойҳо сафар карда, бар иловаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» дар бораи гузаштаи халқҳои Эрон маълумоти муфассал ҷамъ овард, ба танзими ҳамосаи худ «Шоҳнома» шурӯъ намуд. Дар ин вақт давлати Сомониён ҳанӯз дар авҷи иқтидори худ буд.

Фирдавсӣ дар асоси нишон додани гузаштаи пур аз қаҳрамонии халқ бедор намудани ҳисси ватандӯстии онро вазифаи асосии достони худ медонист. Ӯ ба эҷоди ин асар беҳтарин айёми умри худро сарф кард. Чунонки мегӯяд, вай дар ин роҳ пир шуд, вале хомаашро ба канор нагузошт:

Ман аз шасту шаш суст гаштам чу маст,
Ба ҷойи инонам асо шуд ба даст.
Рухи лолагун гашта бар сони коҳ,
Чу кофур шуд ранги мӯи сиёҳ.
Зи пирӣ хам овард болои рост,
Ҳам аз наргисон рӯшноӣ бикост.

Сарчашмаи асосии ҳамосаи Фирдавсиро силсилаи гуфтори сакоию суғдӣ дар бораи Рустами баҳодур, ки беш аз сеяки достонро дар бар мегирад, инчунин афсонаҳои суғдиву хоразмӣ дар бораи Сиёвуш ва афсонаи бохтарӣ дар бораи Исфандиёр фароҳам овардаанд. Аксарияти асотири фасли аввали достон, ки бо афсонаҳои дар Авесто ишоратёфта мушобеҳ мебошанд, низ аз манбаъҳои осиёимиёнагӣ баромадаанд. Ривоятҳои оид ба давраи сосонӣ (қисмати хурди достон) асосан аз маъхазҳои хаттӣ, махсусан аз адабиёти паҳлавӣ иқтибос шудааст.

Фирдавсӣ асари худро дар асоси ғояи муборизаи қувваҳои нек ва бад, ки ибтидои худро аз ривоятҳои қадимаи эрониён мегиранд, тартиб додааст. Дар тамоми ҷараёни воқеаҳои ин асар халқҳои эронӣ ҳамчун тарафдори қувваи нек бар зидди қувваи бад – истилогарони хориҷӣ мубориза мебаранд. Шоир дар қисми афсонавии достон дар шахси шоҳи морон Заҳҳок зулми золимони аҷнабиро тасвир намуда, дар натиҷаи муборизаи қаҳрамононаи Коваи Оҳангар ва халқи бо даъвати ӯ шӯришбардошта барбод рафтани ин зулму истибдодро моҳирона нишон додааст.

Муаллиф дар симои Рустам ва дигар қаҳрамонони достон муборизаи фидокоронаи насли навро дар роҳи истиқлолияти ватани худ тасвир менамояд. Шоир ба достон воқеаҳои таърихиро аз лашкаркашии Искандари Мақдунӣ сар карда, то истилои араб ва марги Яздигурди III низ дохил намуда, ғояи муборизаи халқро барои истиқлолияти кишвари худ дар тамоми муддати таърихи он тараннум кардааст. Илова бар ин, вай достонро ба лавҳаҳои романтикӣ (монанди қиссаи ишқи Зол ва Рудоба), масал ва ҳикматҳои тарбиявии ахлоқӣ оростааст.

Тамоми ҳамосаи Фирдавсӣ бо рӯҳияи хайрхоҳӣ нисбат ба аҳли меҳнат – барзгарону пешаварон фаро гирифта шудааст. Шоири бузург онҳоро бо беҳтарин сифатҳои инсонӣ – ҷавонмардӣ ва олиҳимматӣ ороста, тасвир менамояд. Фирдавсӣ дар бобати фаҳмидани моҳияти неҳзати маздакия аз тамоми ҳамасрони худ пеш гузаштааст. Ӯ ба маздакиён бо назари нек нигариста, онҳоро «гурусна ва азияткашида» меномад.

Ниҳоят, шоир вазифаи ба зимма гирифтаи худро дар овони пирӣ, пас аз заҳмати муттасили чандинсола дар соли 994 анҷом дод ва аз 100 ҳазор мисраъ ҳам зиёдтар як асари ҷовидонаи оламшумулро ба дунё овард.

Вале аз рӯзе, ки Фирдавсӣ ба таълиф намудани ин асар камар баста буд, хеле вақт гузашт. Дар ин муддат давлати сомонӣ аз по афтода, аз ҳомиёни шоир касе намонда буд. Он гоҳ Фирдавсӣ аз рӯйи маслиҳати яке аз одамони хайрандеш «Шоҳнома»-ро ба султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ба сари ҳокимият омада буд, тақдим намуд.

Лекин Маҳмуд ин туҳфаи шоиронаро рад кард ва чунонки нақл мекунанд, ҳатто шоирро аз сабаби тасвир намудани қаҳрамонон ва подшоҳони пеш аз ислом ба кофирӣ айбдор намуда, бифармуд, ки ба зери пойи шутур партоянд. Намояндаи сулолаи нави ба ҷойи Сомониён омадаи турк Султон Маҳмуди Ғазнавӣ табиист, ки дар достон, қабл аз ҳама, хавфи сиёсӣ дарёфт, зеро дар ин

ҳамоса муборизаи аҷдоди халқи тоҷик бар зидди Тӯрониён,[119] ки дар аҳди ӯ ҳамчун аҷдоди қавми турк ҳисоб меёфтанд, ситоиш карда мешуд.

Ғайр аз ин, Султон Маҳмуд, ки роҳи ба даст овардани пуштибонии хилофати араб ва рӯҳониёни мусулмонро меҷуст, ба муқобили васфи анъанаҳои қадимаи тоисломӣ дар «Шоҳнома» ва рӯҳияи зиддиарабии он бархост. Вале муҳимтарин сабаби муносибати манфии Маҳмуд нисбат ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иборат аз ин буд: Маҳмуд, ки фурӯ нишондани ҳаракатҳои халқро асли мақсади худ қарор дода буд, наметавонист асари моҳиятан халқии шоири гениалиро тақдир намояд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати арзиши бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст.[120]

Шоири бузург бақияи умри худро дар қашшоқӣ ва маҳрумиятҳо ба сар бурда, соли 1020 (аз рӯйи дигар мадракҳо – с.1025) дар Тӯс вафот кард. Рӯҳониёни ислом, ки Фирдавсиро кофир мехонданд, ба қабристони мусулмонон дафн кардани ӯро манъ намуданд. Ҷасади шоир дар боғи худи ӯ ба хок супурда шуд.[121]

Номи Фирдавсӣ ҷовид бимонд. Суханони хитобан ба Маҳмуди Ғазнавӣ гуфтаи ӯ ҳақ баромаданд:

Биноҳои обод гардад хароб
Зи борону аз тобиши офтоб.
Пай афгандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Бад-ин нома гар умрҳо бигзарад,
Бихонад ҳар он кас, ки дорад хирад.[122]

## Илму фан

Комёбиҳои илму фанни давраи сомонӣ камтар аз муваффақиятҳои адабиёти нафиса набуд. Аммо фарқ дар ин буд, ки асарҳои илмӣ мисли пештара аксаран ба забони арабӣ таълиф меёфтанд. Забони арабӣ дар байни мамлакатҳои Шарқи исломӣ дар зарфи чандин асрҳо роли забони илмии байналхалқиро иҷро мекард. Бо забони маҳаллӣ навиштани асарҳои илмӣ боиси маҳдудшавии доираи интишори осори муаллиф мегардид. Инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки забони арабӣ барои ифодаи муҳимтарин мафҳумҳои илмӣ истилоҳоти мувофиқ дошт. Аз ин сабаб муаллиф кӯшиш менамуд, ки асарҳои худро ба забони арабӣ нависад, то ки онҳо дастраси ҳамаи доираҳои илмии кишварҳои Шарқ гарданд.

Олимони ин давра дар ҳар як соҳаи илму фан ниҳоят зиёданд ва бинобар ин мо фақат бо зикри номи барҷастатарини онҳо иктифо менамоем.

---

[119] Номи қадимаи тоифаҳои бодиянишини шарқиэронӣ.

[120] Дар Иттифоқи Советӣ нашри мукаммали илмии матни «Шоҳнома» анҷом пазируфт, ки ба қадимтарин дастхатҳо асос ёфта, аз тарафи кормандони Институти Шарқшиносии АФ СССР тартиб дода шудааст (ҷ. I-IX, 1960-1971).

[121] Дар бораи Фирдавсӣ, ниг.: Османов М.-Н. О., 1959.

[122] Намунаҳои адабиёти тоҷик, 1940, с. 28.

*Ибни Қутайба* (828–829) ҳам дар соҳаи таърих ва ҳам дар соҳаи адабиётшиносӣ яке аз мумтозони замони худ буд. «Китоб-ул-маориф» ном асари доир ба таърихи ӯ аҳамияти ниҳоят калоне дорад.

Аҳамияти «Китоб-уш-шеър в-аш-шуаро» ном асари адабиётшиносии вай, ки дар таърихи адабиёт баробар будани мақоми шоирони гузашта ва муосирро таъкид менамояд, боз ҳам бештар аст.

*Абӯмуашшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ* аз маъруфтарин мунаҷҷимон ва олимони асри IX ба шумор меравад. Вай аввалҳо ба ҷамъ овардани ҳадисҳо шуғл баст. Пас аз расидан ба синни 47-солагӣ дар Бағдод ба омӯхтани риёзиёт шурӯъ намуд, сипас ба илми нуҷум гузашт ва дар ин соҳа қариб 40 асар эҷод кард. Абӯмуашшар тақрибан сад сол умр дида, соли 886 вафот намуд.

*Абӯбакри Наршахӣ* (вафоташ с.959) яке аз муаррихони машҳури давраи сомонӣ аст. Китоби «Таърихи Бухоро», ки аз тарафи ӯ ба забони арабӣ таълиф ёфта, онро дар соли 1128 Абӯнасри Қубавӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, аз беҳтарин сарчашмаҳои таърихии доир ба ҳаёти вилоятҳои ҷудогонаи Мовароуннаҳр ва махсусан Бухоро мебошад.

*Абӯнасри Форобӣ* (тақрибан 870–950) аслан аз Фороби қадимаи соҳили Сирдарё буда, дар оилаи саркардаи ҳарбии турк таваллуд ёфтааст. Дар овони ҷавонӣ ба мақсади давом додани таҳсил ба Димишқ ва сипас, ба Бағдод сафар намуд ва қисми зиёди умри худро дар он ҷо гузаронид. Ҳамаи асарҳои ӯ ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Хизмати арзандаи Форобӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ӯ мероси Арасту ва дигар файласуфони Юнони Қадимро азхуд намуда, онро ба халқҳои Шарқи Наздик интиқол дод. Бисёр мутафаккирони тоҷик ӯро дар соҳаи фалсафаи Юнон устоди худ донистаанд. Ба қалами Форобӣ миқдори зиёди асарҳои тадқиқӣ тааллуқ дорад. Махсусан, рисолаи «Доир ба ақидаи сокинони шаҳри комил», ки бо таъсири асарҳои дар бораи давлат навиштаи муаллифони қадим ба вуҷуд омада, дар айни замон бисёр фикру мулоҳизаҳои худи ӯро дар бар гирифтааст, хеле ҷолиби диққат мебошад. Форобӣ дар ин асар саъй намудааст, ки ба як қатор масъалаҳои муҳим: пайдоиши давлат, сабабҳои нобаробарии иҷтимоӣ ва амсоли ин ҷавоб диҳад. Тасаввуроти иҷтимоӣ-утопии ӯ дар замони худ аҳамияти бузурги прогрессивӣ дошт.

*Абӯалӣ ибни Сино* тахминан дар соли 980 дар деҳаи Афшана (дар ноҳияи Бухоро) аз оилаи амалдори яке аз девонҳои давлати сомонӣ таваллуд ёфт. Вай маълумоти нисбат ба он замон ниҳоят васеъ ҳосил намуда, чунонки худ мегӯяд, ҳанӯз дар синни ҳаждаҳсолагӣ ҳамаи илмҳои замона, аз ҷумла тиброро омӯхта буд.

Махсусан, омӯхтани адабиёти доир ба риштаҳои мухталифи илму фан дар китобхонаи машҳури Сомониён, ки ба туфайли муолиҷа кардани амир Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ ба он ҷо роҳ ёфта, аксарияти вақти худро ба мутолиаи китобҳои он сарф мекард, дар таҳсилоти шахсии ӯ аҳамияти бағоят калоне дошт.

Вақте ки давлати сомонӣ ба таҳдиди Қарохониҳо ва ҳамлаи султон Маҳмуди Ғазнавӣ дучор гардид, Абӯалӣ маҷбур шуд хоки Бухороро тарк намояд. Аз ҳамин лаҳза давраи дурударози саргардониҳои ӯ, ки боиси он таъқиботи султон Маҳмуд буд, сар мешавад. Хоразм ва Абевард, Гургон ва Рай, Қазвин ва Ҳамадон, Исфаҳон ва боз Ҳамадон – ин буд ҷойҳои муҳоҷирати «Шайхурраис», чунонки муосирони ӯ ҳамин тавр ном дода буданд.



بسم الله الرحمن الرحيم وبه
چنين گويد ابو نصر احمد بن محمد بن نصر القباوى كه ابو بكر
محمد بن جعفر النرشخى كتابى تاليف كرده است بنام امير حميد
ابو محمد بن نوح بن نصر بن اسمعيل السامانى رحمهم الله
در ذكر بخارا و مناقب و فضايل آن و آنچه در وى است
و در روستاهاى وى از مرافق و منافع و آنچه بوى نسبت
دارد و ذكر احاديثى كه در فضيلت بخارا آمده است از
رسول صلى الله عليه وسلم و از اصحاب و تابعين و علماى دين
رضوان الله عليهم اجمعين و تاليف اين كتاب بعربى بوده است
بعبارت بليغ در شهور سنه اثنين و ثلاثين و ثلثمائه
و چون بيشتر كسى بخواندن كتاب عربى رغبت ننمايد
دوستان از من درخواست كردند كه اين كتاب را پارسى
ترجم

Варақи дастнависи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ

Ин солҳо барои Абӯалӣ ибни Сино давраи хеле пуркорӣ буд. Вай ба табобат ва дарсгӯӣ машғул мешуд, вазири ҳокими Ҳамадон буд ва, дар айни замон, асарҳои бисёре таълиф менамуд. Абӯалӣ ибни Сино донишманди ҳартарафа: файласуф, табиб, шоир ва арбоби сиёсист.

Ягон соҳаи фанне набуд, ки ин энсиклопедисти аҷоиби халқи тоҷик дар асрҳои X–XI онро наомӯхта бошад.

Китоби ӯ «Ал-қонун фи-т-тиб» беҳтарин асар дар илми тиб буда, дар давоми шаш аср (аз асри XI то миёнаҳои асри XVII) ҳамчун дастур барои духтурон ва китоби дарсӣ барои мактабҳои тиббии тамоми Аврупо хизмат кардааст. «ал-Қонун» дар Аврупо чандин маротиба ба забони лотинӣ ва дигар забонҳо нашр гардидааст.

Ибни Сино дар шарқ ва ғарб чун бузургтарин файласуфи замон шуҳрат пайдо кард.

Асари энсиклопедии Ибни Сино «Китобу-ш-шифо», ки дар хусуси мантиқ, табиатшиносӣ, метафизика ва риёзиёт баҳс менамояд ва «Донишнома», ки ба забони тоҷикӣ навишта шуда, масъалаҳои оид ба мантиқ, илми табиат, фалсафа, риёзиёт ва нуҷумро дар бар мегирад, дар қатори «ал-Қонун» ва дигар асарҳои ӯ, аз беҳтарин ёдгориҳои афкори пешқадами асримиёнагии қарнҳои X-XI ба шумор меравand.

Ибни Сино дар омӯхтани мероси файласуфҳои қадим, махсусан Арасту, ҳамчун пайрави муқаррарӣ набуда, балки ба эҷодкорона инкишоф додани ғояҳои онҳо саъй мекард.

Ҳарчанд Абӯалӣ ибни Сино кӯшиш мекард ва ё маҷбур мешуд ақидаҳои пурмулоҳизаи худро аз ягон ҷиҳат мутобиқи аҳкоми шариат ифода намояд, ки ин боиси дуият ва номустақилии ӯ гардидааст, вале бо вуҷуди ин, асли моҳияти фалсафаи ӯ ҳамчун пешқадамтарин сухани машшоия ба шумор мерафт. Вай бархилофи аҳкоми динӣ оид ба офариниши олам абадияти дунёро эътироф менамуд; баръакси ҳукми шаръӣ роҷеъ ба сарнавишти илоҳӣ таълимоти қонуни сабабиятро дар табиат пеш мебурд. Дар айни замон, Абӯалӣ ибни Сино мавҷудияти Худоро эътироф карда ва мавҳумоти замони худ, рамзи арқом ва монанди инҳоро ҳақ пиндошта, дар мавқеи дуият монд. Аммо ин маҳдудияти ногузири таърихӣ аҳамияти осори Абӯалӣ ибни Синоро дар таърихи илму фанни тоҷик ва ҷаҳон кам намекунад.

Ҳамчунин, ақидаи нисбат ба замони худ пешқадами Ибни Синоро роҷеъ ба ҳуқуқи мардум дар бобати бо силоҳ сарнагун кардани ҳокими мустабид низ метавон ёдоварӣ намуд. Ин ақидаи ӯ ҳамоҳанги ғояҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад.

Тараққиёти маданияти асри IX–X-ро ҷамъбаст намуда, дар тамоми соҳаҳои илму фан ва адабиёт комёбиҳои муҳим ба даст овардани халқи тоҷик ва дигар халқҳои эронинажоди Осиёи Миёна ва Хуросонро қайд кардан мумкин аст. Шароити фароҳамомадаи таърихӣ: барпо кардани давлати худ ва аз зулму ситами хилофати араб озод намудани мамлакат, муттаҳид гардидани халқи тоҷик ва ташаккули забони адабии ӯ; марказият ёфтани идораи давлат, ниҳоят, робитаи васеи хоҷагӣ ва мадании халқҳои Осиёи Миёна бо тамоми кишварҳои Шарқи Наздик барои ба даст омадани ин комёбиҳо мусоидат мекард.

# БОБИ СЕВУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XI–ИБТИДОИ АСРИ XIII. ДАВЛАТҲОИ ҒАЗНАВИЁН, ҚАРОХОНИЁН, ҒУРИЁН ВА ХОРАЗМШОҲИЁН

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСӢ

### Муборизаи бесамари Абӯиброҳими Мунтасир барои аз нав барқарор намудани ҳокимияти Сомониён

Дар солҳои аввали асри XI, пас аз забт кардани Мовароуннаҳр ба Қарохониҳо лозим омад ба муқобили амалиёти бародари Абдулмалик Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ, ки дар муҳорибаҳои зидди Қарохониён бо номи Мунтасир (фотеҳ) маъруф гардида буд, мубориза баранд. Мунтасир аз Ӯзген, ки дар он ҷо маҳбуси Қарохониҳо буд, ба Хоразм фирор намуд ва аз тарафдорони хонадони сомонӣ лашкаре фароҳам оварда, ба сӯйи Бухоро ҳаракат кард ва ҳокими Қарохониро ронда, шаҳрро соҳиб шуд. Боқимондаи лашкари шикастхӯрдаи Қарохониҳо ба Самарқанд паноҳ бурданд.

Ҷаъфартегин ном бародари хони қарохонӣ, ки дар ин вақт ҳукумати Самарқандро ба дасти худ нигоҳ медошт, наздик расидани лашкари Мунтасирро шунида, бо қувваи муттаҳидаи Самарқанд ва Бухоро ба муқобили ӯ равон шуд, вале ба шикасти сахт дучор гардида, худ бо бисёр саркардагонаш ба дасти душман асир афтод. Мунтасир баъд аз ин ғалаба ба Бухоро баргашта, ба сари ҳукумат қарор гирифт.

Лекин, вақте ки хони қарохонӣ Насри Илокхон қувваҳои асосии худро бар зидди ӯ равона намуд, Мунтасир ба онҳо муқобилат карда натавонист ва бе ҳеҷ муҳориба Бухороро ба дасти душман гузошта, ба тарафи Хуросон ҳаракат кард. Дар он ҷо Абулқосими Симҷурӣ ба вай ҳамроҳ шуд ва ҳар ду бар зидди Маҳмуди Ғазнавӣ мубориза сар карданд, вале сарфи назар аз баъзе комёбиҳои ҷузъӣ, ин мубориза бемуваффақиятона анҷом ёфт.

Дар соли 1003 Мунтасир ба Мовароуннаҳр баргашта, бо ёрии ғузҳо дубора бар зидди Қарохониҳо сар бардошт.

Дар Осиёи Миёна ғузҳо қабилаҳои туркзабони аксаран бодиянишин буданд. Дар асри X манзили ғузҳо дар дашту саҳроҳои паҳновар – аз маҳалҳои ҷанубии назди Балхаш то поёноби Волга парешон гардида, фақат дар наздикиҳои Каспӣ, Сирдарё ва атрофи Арал иқоматгоҳҳои сернуфуси онҳо ба

вуҷуд омаданд[1]. Қисми камтару нисбатан камбағали ғузҳо дар ин вақт ба шаҳру деҳот ҷойгир шуда, ба корҳои зироат машғул гардиданд. Дар охири асри IX ва аввали асри X дар наздикиҳои баҳри Арал давлати ғузҳо таъсис ёфт. Марказ ва қароргоҳи зимистонии онҳо шаҳри Янгикент (воқеъ дар поёноби дарёи Сир) буд. Ашрофи феодалии ғузҳо кӯчманчиён ва зироаткорони қаториро беш аз пеш истисмор мекарданд. Авҷ гирифтани зиддиятҳои синфӣ дар муҳити ғузҳо сабабгори дар ҳудуди асрҳои X–XI аз по афтодани давлати сирдарёии ғузҳо гардид.

Ҷангҳои пайдарпай бо мардуми муқимии ҳамсоя манбаи доимии афзоиши сарвати ашрофи қавму қабилавии ғузҳо буд. Барои дафъи ҳуҷуми онҳо дар гирдогирди воҳаҳо истеҳкомоти зиёде месохтанд. Аз тарафи дигар, эҳтиёҷ ба ғалла, мубодилаи озуқаворӣ дар байни хоҷагиҳои муқимӣ ва кӯчманчӣ ғузҳоро водор менамуд, ки бо аҳолии зироаткори воҳаҳо робита барқарор кунанд.

Дар аввал амалиёти Мунтасир хеле муваффақиятнок давом намуд. Вай қувваҳои аскарии Насри Илокхонро торумор карда, 18 нафар сарлашкарони қарохониро асир гирифт. Лекин ба зудӣ дар байни Мунтасир ва саркардаҳои ӯ дар бобати тақсими ғаниматҳои ҳарбӣ муноқиша ва носозиҳо сар шуд. Мунтасир, ки дар миёни аҳолии Мовароуннаҳр такягоҳе надошт, аз тарси он ки рӯзе саркардаҳояш бо Қарохониҳо созиш намуда, ба ӯ хиёнат накунанд, ба ҷустуҷӯи иттифоқчиёни дигар қарор дод. Ӯ дар охирҳои тирамоҳи соли 1003 бо 700 нафар аскари савора ва пиёда аз дарёи Аму гузашта, хост мавқеи худро дар Абевард ва Нисо (дар қарибии Ашқободи ҳозира) мустаҳкам кунад, лекин дар ин ҷо ба дастаи ҳарбии Хоразмшоҳ дучор омада, шикасти сахт хӯрд ва пас аз ин бо аскарони боқимондаи худ боз аз нав ба Мовароуннаҳр рӯ овард.

Дар мубориза минбаъдаи зидди Қарохониҳо Мунтасир қувваи ҳарбии дар Бухоро гузоштаи Насрро шикаст дод. Дар натиҷаи ин муваффақияти Мунтасир дар як қатор маҳалҳои Мовароуннаҳр ҳаракати аз нав барқароркунии ҳокимияти Сомониён сар шуд. Сардори дастаи ғозиҳои Самарқанд Ҳорис, ки бо лақаби Ибни Аламдор машҳур гардида буд, бо қувваи сеҳазорнафараи худ ба Мунтасир пайваст. Ғайр аз ин, шайххҳои шаҳр садҳо ғуломонро мусаллаҳ намуданд. Ниҳоят, ғузҳо низ дубора омада ба Мунтасир ҳамроҳ шуданд. Ба ҳамин тариқ, Мунтасир лашкари худро пурқувват кард ва дар ҷанги назди Бурнамад ғалабаи калоне ба даст оварда, қувваи асосии Насри Илокхонро торумор намуд.

Бо вуҷуди ин, муваффақияти ҳарбӣ Мунтасир мавқеи худро дар Мовароуннаҳр мустаҳкам карда натавонист, зеро Илокхон фавран қувваҳои тоза ҷамъ намуда, дар ҷӯли байни Ҷиззах ва Хавос ба ӯ ҳуҷум овард. Ғузҳо, ки дар ҷанги назди Бурнамад ғанимати зиёд ба даст дароварда буданд, дар ин муҳориба иштирок кардан нахоста, ба маҳалли бодиянишинии худ ақиб гаштанд. Илова бар ин, дар вақти нозукии кор яке аз сарлашкарони бузурги Мунтасир ба ӯ хиёнат намуда, бо 4 ҳазор аскар ба тарафи Илокхон гузашт. Ин буд, ки Мунтасир фишори Қарохониҳоро бартараф карда натавониста, маҷбур шуд, ки ба тарафи Хуросон рӯ ба гурез ниҳад.

---

[1] Доир ба таҳлили муфассали ҳамаи мадракҳои пахншавии ғӯзҳо ниг.: Оғоҷонов С. Г., 1969, с. 49–85

Лекин ҳатто пас аз ин ҳам Мунтасир аз фикри дубора таъсис намудани давлати сомонӣ даст накашид. Ӯ ба зудӣ аскар ҷамъ намуда, дафъаи чорум ба Мовароуннаҳр ҳаракат кард. Вале ин дафъа ҳам дар натиҷаи хиёнати сарлашкаронаш мағлуб гардид ва ниҳоят дар сари соли 1005 ба дасти яке аз роҳбарони қабилаҳои бодиянишин кушта шуд.

Мунтасир ягона намояндаи сулолаи Сомониён буд, ки барои дубора барқарор намудани ҳокимияти ин хонадон дар Мовароуннаҳр беоромона мубориза бурдааст. Вале азбаски Сомониён аз заминаҳои сиёсӣ ва иқтисодии худ маҳрум гардида, аз тарафи гурӯҳҳои асосии аҳолӣ пуштибонӣ намедиданд, кӯшиш ва фаъолияти шахсии Мунтасир ҳеҷ як натиҷае набахшид.

Пас аз марги Мунтасир мубориза барои тақсими мероси давлати сомонӣ фақат дар байни Маҳмуди Ғазнавӣ ва Қарохониён давом мекунад.

## Халқи тоҷик дар давраи салтанати Ғазнавиён

Давраи ҳамчун як маркази сиёсӣ сар бардоштани Ғазнин ҳанӯз аз аввалҳои нимаи дувуми асри X сар мешавад.[2]

Дар сарчашмаҳои таърихӣ Сабуктегин ҳамчун асосгузори сулолаи Ғазнавиён дар асри X эътироф гардидааст.[3] Зеро Сабуктегин на фақат истиқлолияти Ғазнинро таъмин намуд, балки заминҳои ҳавзаи дарёи Кобулро ба он ҳамроҳ намуда, хоки давлати худро васеътар кард. Илова бар ин, ба ивази кумаке, ки ба амири сомонӣ Нӯҳи II расонида буд, ҳокимияти Хуросон низ ба ихтиёри ӯ гузашт. Сабуктегин дар соли 997 вафот намуд.

Маҳмуди Ғазнавӣ, ки писари бузурги ӯ буд, ворисии қонунӣ ҳисоб мешуд. Лекин Сабуктегин дар вақти касалии худ писари хурдаш Исмоилро валиаҳд эълон намуд. Ба ин тариқ, пас аз вафоти ӯ Исмоил ба тахт нишаст. Аммо ҳукмронии ӯ зиёда аз 7 моҳ давом накард. Дар мамлакат саркашӣ ва исёнҳои феодалони маҳаллӣ бар зидди ҳокимияти марказӣ қувват гирифт. Маҳмуд аз вазъият истифода намуда, бо қувваи лашкар ба Ғазнин равон шуд ва Исмоилро шикаст дода, салтанатро ба дасти худ гирифт.

Вақте ки дар соли 999 давлати сомонӣ аз тарафи шимол ба ҳуҷуми Қарохониҳо дучор гардид, Маҳмуд ҳам аз тарафи ҷануб ба муқобили Сомониён бархоста, тамоми Хуросонро ба таҳти тасарруфи худ даровард.

Аз тарафи халифаи Бағдод шинохта шудани салтанати Маҳмуд ва ба ӯ дода шудани лақабҳои ифтихорӣ асоси ҳукмронии Маҳмудро хеле мустаҳкам намуд. Дар соли 1002 Маҳмуд Систонро ишғол кард.

---

[2] Таърихи сиёсии Ғазнавиён дар ин асарҳо муфассалан баён шудааст: Бартолд В.В., 1963 б, с. 322 ва мобаъд; Bosworth C. E., 1963, p. 35–47; 227– 268; очерки мухтасар ниг.: Массон В.М., Ромодин В.А., 1964, с. 242 ва мобаъд; Spuler B., 1952, 8. 111–124.

[3] Маълумоти оид ба аслу насаб ва давраҳои аввали зиндагии Сабуктегин, ки дар «Пандномa» оварда шудааст, ба тавассути баъзе сарчашмаҳои асримиёнагӣ, аз ҷумла асари Муҳаммади Шабонкораӣ (асри XIV), «Маҷма-ул-ансоб» (ба тариқи иқтибос) то замони мо расидааст. Дар ин асар гуфта мешавад, ки Сабуктегин аслан аз тоифаи барсхони Туркистон мебошад. Вай дар айёми ҷавонӣ ба дасти қабилаи туркмани тухсӣ асир афтода, чор сол подаи онҳоро мечаронад ва пас ба тоҷирони Мовароуннаҳр фурӯхта мешавад (ЛО ИВАН СССР. С-372, вар. 144,145). Доир ба «Пандномa» ҳамчун манбаи марҳилаҳои аввали таърихи Ғазнавиён ниг.: Bosworth C.E., 1965.

Аввалҳо дарёи Аму ҳамчун сарҳади байни Ғазнавиён ва Қарохониён муқаррар гардида буд. Соли 1008 дар ноҳияи Балх муҳорибаи шадиде дар миёни қӯшунҳои ғазнавӣ ва қарохонӣ ба амал омада, бо ғалабаи комили Маҳмуд анҷом ёфт. Ин ҳолат мавқеи Маҳмудро дар тамоми Хуросон мустаҳкам намуд.

Дар айёми ҳукуматдории Маҳмуд (998–1030) давлати ғазнавӣ ба иқтидори бузурге соҳиб гардид.[4]

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз соли 1002 то соли 1026 беш аз 15 маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашид. Асли мақсад аз ин ҷангҳое, ки дар таҳти шиори «ғазовот» бурда мешуданд, фақат ғорат кардани Ҳиндустон ва ба даст даровардани сарватҳои ин сарзамин буд.

Ҳамаи ин лашкаркашиҳои Маҳмуди Ғазнавӣ барои халқи Ҳиндустон харобӣ ва бадбахтиҳои аз ҳад зиёде овард. Сарбозони ӯ аҳолиро тороҷ мекарданд, ёдгориҳои гаронбаҳои таърихиро несту нобуд менамуданд. Маҳмуд на танҳо шаҳрҳоро вайрон карда ба яғмо мебурд, балки нисбат ба аҳолӣ низ аз ҳеҷ гуна ваҳшоният рӯй намегардонид. Масалан, ӯ дар соли 1019, пас аз ишғол кардани қалъаи Маҳован (ё худ Моҳобон), ба сабаби он ки ҳокими қалъа пеш аз омадани вай гурехтааст, тамоми сокинони онро қатли ом намуда буд.

Султон Маҳмуд дар лашкаркашии соли 1019 илова бар ҷавоҳирот ва дигар сарвати фаровон 350 фил ва 57 ҳазор ғулом ба Ғазнин овард. Чунонки сарчашмаҳои таърихӣ қайд мекунанд, миқдори асирони овардаи Маҳмуд то дараҷае зиёд буд, ки биноҳои мавҷудаи шаҳр кифоя накард ва барои ҷойгир кардани онҳо ба сохтмони биноҳои махсус шурӯъ намуданд.

Дар солҳои 1010–1011 Султон Маҳмуд ба сарзамини Ғур (вилояте дар Афғонистони кунунӣ) ҳуҷум оварда, ба ивази додани талафоти зиёд як қисмати онро ишғол кард. Ӯ дар соли 1017 аз кушта шудани Маъмуни Хоразмшоҳ истифода бурда, Хоразмро забт кард ва онро низ ба давлати худ ҳамроҳ намуд. Инчунин дар соли 1024 бо лашкари зиёд ба Балх омад ва бо баҳонаи ин, ки мехоҳад зулми Алитегини Қарохониро аз сари аҳолии Мовароуннаҳр дур кунад, аз дарёи Аму гузашта Чағониён, Қабодиён, Хатлон ва баъзе ҷойҳои дигарро ба даст даровард. Илова бар ин, дар соли 1029 Райро ишғол намуда, ҳокими онро ба ҳабс гирифт ва ғаниматҳои дарёфт кардаашро ба Ғазнин фиристонид. Ба ин тариқа, аз қисматҳои шимолӣ ва шимоли ғарбии Ҳиндустон сар карда, то Чағониёну Хоразм ва дар ҳудуди Эрони имрӯза то Исфаҳон ва Рай вилоятҳои сершумор ба давлати Маҳмуди Ғазнавӣ дохил гардиданд.

Лашкаркашиҳои истилогаронаи Маҳмуди Ғазнавӣ, махсусан ҷангҳои дар Ҳиндустон бурдаи ӯ, ки сарчашмаи асосии сарватмандии султон, гвардияи вай ва лашкариёнашро ташкил менамуданд, дар айни ҳол халқи меҳнатиро ба муфлисӣ ва маҳрумиятҳо гирифтор мекарданд. Дар арафаи ҳар як лашкаркашӣ аз аҳолии маҳаллӣ андозҳои бисёре ситонида мешуд. Ин тариқа, андозҳо то дараҷае зиёд буд, ки халқи заҳматкаш пас аз адо кардани он, ҳатто аз воситаҳои рӯзгузаронии худ низ тамоман ҷудо мегардид. Аз ин сабаб хоҷагии

[4] Муфассалан ниг.: Якубовский А.Ю., 1934; Nasim M., 1931.

мамлакат торафт рӯ ба вайронӣ ниҳода, воҳаҳои зироатӣ ва наҳрҳои обёрӣ дар аксарияти маҳалҳо аз кор мемонданд.

Дар натиҷаи паст рафтани хоҷагии қишлоқ соли 1011 дар Хуросон қаҳтӣ рӯй дод. Барвақт омадани сармои зимистон ва камборонии айёми баҳорон ба ниҳоят кам шудани ҳосил боис гардид. Ин аҳвол вазъияти душвори аҳолиро боз ҳам сахттар кард. Мувофиқи маълумоти воқеаномаҳои таърихӣ дар як худи Нишопур ҳазорон нафар одамон аз гуруснагӣ ҳалок шудаанд. Бо вуҷуди он ки баъзан дар Нишопур то 400 ман ғалла ба фурӯш нарафта, дар бозор мемонд, лекин аҳолӣ то андозае қашшоқ шуда буд, ки барои харидани он иқтидоре надошт. Дар соли қаҳтӣ мардум сагу гурбаҳоро кушта мехӯрданд ва дар баъзе ҷойҳо, ҳатто гӯшти одамхӯрӣ ҳам ба амал омада буд.

Маҳмуди Ғазнавӣ барои аз гуруснагӣ ва марг халос кардани аҳолии Хуросон тамоми васила ва имкониятҳоро дошт. Вале дар ин бора ҳеҷ як чораи қатъӣ надид ва фақат барои намуд ба ҳокими Хуросон амр дод, ки ба камбағалон як маблағи ночизе кумаки пулӣ расонад.

Султон Маҳмуд гоҳо баъд аз лашкаркашиҳои навбатии худ ба умрону обод намудани пойтахташ машғул мешуд, ки масҷид ва мадрасаи машҳури Ғазнин аз ҷумлаи бинокориҳои ӯст. Лекин сохта шудани ҳар як иморат ба сари аҳолӣ маҳрумият ва мусибатҳои зиёде меовард. Тахтасанги мармар ва дигар сангҳои пурқимате, ки дар тоқҳо ва саҳни масҷиди ҷомеи Ғазнин кор фармуда шудаанд, чи навъе ки сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ҳама аз ҷойҳои дурдаст бо қувваи халқ кашонида шуда буданд. Ҳатто хароҷоти ҳарсолаи боғи Дилкушои Маҳмуд, ки дар Балх воқеъ гардида буд, комилан аз тарафи аҳолии ин шаҳр адо карда мешуд.

Маҳмуд тамоми аҳолии мамлакатро ба ду гурӯҳ – ба қувваҳои мусаллаҳ ва халқи одӣ тақсим мекард .Ӯ ба аскарон моҳона медод ва ба ивази ин аз онҳо талаб менамуд, ки ҳама гуна амри ӯро бо садоқат иҷро кунанд. Вай барои ин ки гӯё халқи мамлакатро бо қувваи аскари худ аз ҳуҷуми душманони хориҷӣ муҳофиза мекунад, аз аҳолии одии заҳматкаш ҳам талаб мекард, ки ҳар як фармони ӯро бегуфтугӯ ба ҷо оранд ва илова бар ин, андозҳои давлатиро адо карда истанд.

Султон Маҳмуд марди хеле хасис ва дар масъалаи ҷамъ кардани молу сарват бағоят ҳарис буд. Ӯ он ҳама сарвате, ки аз Ҳиндустон ва дигар гӯшаву канорҳои мамлакат бо роҳҳои гуногун ҷамъ карда буд, дар хазина нигоҳ медошт. Муаррихи асри XV Мирхонд дар далели хасисӣ ва ҳирсу ози Маҳмуди Ғазнавӣ чунин ҳикояти аҷиберо овардааст: «Гӯянд, ки султон ду рӯз қабл аз вафоти худ фармон дод, то аз хазина дирам... ва динорҳои сурх ва анвои ҷавоҳири нафис ва ғайраро, ки дар айёми салтанат ҷамъ оварда буд, ҳозир карданд ва дар саҳни сафҳаи ариз (васеъ) ҳамаро бигустурданд ва он саҳн дар назари бинандагон бӯстоне менамуд, ки ба гулҳои мулавван аз сурх ва зард ва бунафш ва ғайра ороста бошанд. Султон ба чашми ҳасрат дар онҳо менигарист ва зор-зор мегирист ва баъд аз гиряи зиёд бифармуд, то ҳамаро ба хазина бибурданд ва фулусе аз он ҳама ҷинс ва накд ба мустаҳиқе надод, бо он ки медонист, ки дар он ду рӯз ҷони ширин ба сад талхӣ хоҳад дод».[5]

---

[5] Равзату-с-сафо, с. 38.

Маҳмуди Ғазнавӣ дар лашкаркашӣ ва ҷангҳои ғоратгарона мақсади асосии худро бо шиори ғазовот – ҷанги муқаддаси ислом мепӯшонид, ки ба туфайли ин аз тарафи халифа ҳимоят медид ва хеле мусулмонони мутаассиби «ғазоталаб»-ро ба қӯшуни худ гирд меовард. Илова бар ин, ӯ худро пайрави мазҳаби суннӣ (ки дар он вақт мазҳаби ҳукмрони ислом буд) эълон намуда, ба муқобили ҳама гуна норозигиҳо ва ҳаракатҳои зидди тартиботи феодалӣ, ки беш аз ҳама дар сурати ақидаҳои бидъатомези қарматиҳо, исмоилиҳо, шииҳо ва аҳли дигар ҷараёнҳо зоҳир мегардиданд, мубориза мебурд. Вай молу мулки тарафдорони ин ҷараёнҳоро мусодира намуда, бо ин роҳ низ сарвати бисёреро ба дасти худ ҷамъ мекард. Ба ин тариқ, эътиқод ва тарафдории садоқатмандонаи Маҳмуд нисбат ба мазҳаби суннӣ фақат як воситае буд, ки бо ин роҳ ӯ мавқеи ҳокимияти худро мустаҳкам мекард ва сарваташро меафзуд.

Маҳмуди Ғазнавӣ ба корҳои таҷассуси давлатӣ ҳам ниҳоятдараҷа аҳамият медод. Ғайр аз ҷосусони махфие, ки дар ҳузури ҳар як ҳоким гузошта мешуданд, дар пеши ӯ маъмури махсус низ бо унвони «мушриф» кор мекард, ки аз вазъияти дохилӣ, кордорӣ ва аҳволи рӯҳияи ҳокимон хабар дода меистод. Султон Маҳмуд ҳатто аз паси фарзандони худ ва аз он ҷумла Масъуд, ки валиаҳди салтанат буд, ҷосус мегузошт.

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба қӯшуни сершумори хуб ташкил ва мусаллаҳшуда такя мекард. Дар ихтиёри ӯ бисёр филҳои ҷангӣ, барои муҳосираи қалъа мошинҳои сангандоз, барои убури дарё пулҳои шиновар мавҷуд буданд. Нафароти зиёди қӯшуни султонро ғуломони зархарид ва таълими ҷангигирифта ташкил медоданд. Дастаҳои сарбозони ғулом аз туркҳо ва ҷанговарони дигар халқҳо фароҳам меомад, ки дар байни онҳо тоҷикон кам набуданд.[6]

Султон Маҳмуд ҳаққо, ки сарлашкари бузург ва ҳокими ғаюру соҳибиродае буд. Ӯ дар бораи ҳашмат ва шавкати зоҳирии давлати худ ғамхорӣ карда, биноҳои зебову муҷаллал месохт, ба шоирону уламои дарбор сарпарастӣ менамуд. Аммо вай дар роҳи тараққиёти хоҷагии қишлоқ ягон коре накард. Дар аҳди ӯ зироат ба харобӣ рӯ оварда, равобити иқтисодии байни вилоятҳои ҷудогонаи мамлакат заиф гардид. Ноустувории давлати барпокардаи султон Маҳмуд, хусусан пас аз вафоти ӯ (с. 1030), боз ҳам равшантар зоҳир шуд.

## Салҷуқиҳо ва суқути давлати Ғазнавиён

Як гурӯҳ амалдорони олимақоми дарбори ғазнавӣ бо сардории ҳоҷиб ба васияти султон Маҳмуд амал намуда, писари хурди ӯ – Муҳаммадро ба тахт нишонданд. Вале писари бузурги вай – Масъуд аз ин ҳол бохабар шуда, ба муқобили Муҳаммад сар бардошт. Масъуд ба чашмони Муҳаммад мил кашида, ӯро бо фарзандонаш дар қалъае ҳабс кард ва салтанатро ба дасти худ гирифт.

Дар давраи ҳукуматдории Масъуд (1030–1041), ки дар ҳарисӣ ва хасисӣ аз падари худ монданӣ надошт, тороҷ гардидани аҳолӣ аз ҳад гузашт. Ҳокимони

[6] Дар бораи ярочу аслиҳа, таркиб ва ташкили қӯшуни Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисони наздики ӯ ниг.: Bosworth C.E., 1960; 1963, p. 98–128

вилоятҳои ҷудогона ба воситаи ришвагирӣ ва андозҳои ғайриқонунӣ халқро тамоман хонахароб менамуданд. Азбаски як қисми сарвати бо ин роҳҳо ғуншуда ба тариқи туҳфа ва пешкаш ба султон дода мешуд, ӯ на ин ки бар зидди ин қабил беадолатиҳо мубориза намебурд, балки онро бо ҳар васила пуштибонӣ мекард.

Масъуд нисбат ба Қарохониҳо ҳамон сиёсати падари худро давом медод ва кӯшиш менамуд, ки ҳама вақт бо онҳо муносибати дӯстонаи ҳамсоявӣ дошта бошад, зеро дар чунин шароите ки шӯришҳои халқ ва задухӯрдҳои дохили мамлакат қувват мегирифт, равияи душманона доштани Қарохониҳо барои давлати ғазнавӣ хеле хавфовар буд. Мактуби зерини Хоразмшоҳ Олтунтош, ки дар соли 1030 ба Масъуд навиштааст, моҳияти ин муносибатро равшан нишон медиҳад: «Ошкор аст, ки амири марҳум (Маҳмуди Ғазнавӣ) барои ба тахти хонӣ нишастани Қодирхони Қарохонӣ кӯшиши зиёде намуда, сарвати беандозае ҳам дар ин роҳ сарф кард. Ҳоло зарур аст, ки ӯро ҳимоя кунем, то ки дӯстии байни мо ва ӯ мустаҳкам гардад. Онҳо (Қарохониҳо) дӯстони ҳақиқии мо нахоҳанд шуд, вале дар ҳар сурат дар зоҳир муносибати дӯстии худро бо мо нигоҳ дошта истода, дигаронро бар зидди давлати ғазнавӣ нахоҳанд шӯронид».[7]

Хоразм, ки зоҳиран дар тобеияти Ғазнавиён бошад ҳам, вале амалан ҳамчун давлати мустақиле буд, дар ҳалли тақдири давлати ғазнавӣ роли бағоят калоне бозид. Агарчанде Масъуд пас аз марги Олтунтош барои кам кардани ҳуқуқи ҳукмрони Хоразм чораҳои лозима дид, аммо мамлакатро боз ба дасти ворисони ӯ боқӣ гузошт. Масъуд унвони «Хоразмшоҳӣ»-ро ба писари худ дода, писари Олтунтош Ҳорунро ҳамчун ноибуссалтана ба ҳукмронии Хоразм таъйин кард. Албатта, ин рафтори Масъуд ба фарзандони Олтунтош таъсири бад накарда наметавонист. Ин буд, ки Ҳорун бо Алитегини Қарохонӣ ва салҷуқиҳо муносибати дӯстӣ барқарор намуда, дар соли 1034 Хоразмро мустақил эълон кард ва номи султони ғазнавиро аз хутба бардошт. Дар баҳори соли 1035 Ҳорун ба Хуросон лашкар кашид. Фарзандони Алитегин (худи Алитегин дар соли 1034 вафот карда буд) ҳаракати Ҳорунро ҳимоя карда, аз тарафи дигар, ба сарзамини Ғазнавиён ҳуҷум намуданд. Лекин, вақте ки Ҳорун дар рӯзҳои аввали лашкаркашӣ ба дасти ғуломони худ, ки ба Масъуд фурӯхта шуда буданд, қатл гардид, фарзандони Алитегин ба Самарқанд баргаштанд. Масъуд ба музокироти оштӣ бо Қарохониҳо шурӯъ намуд, ки ба туфайли ин гуфтугузор дар байни онҳо алоқаи дӯстӣ ва хешӣ барқарор гардид. Ба ҳамин тариқ, хавфи ҳуҷуме, ки аз тарафи Хоразм ва Қарохониён ба давлати ғазнавӣ таҳдид мекард, бо роҳи дипломатӣ бартараф карда шуд.

Дар худи ҳамон соли 1035 Масъуд мебоист ба муқобили туркони салҷуқӣ, ки ба Хуросон ҳуҷумовар шуда буданд, лашкар бикашад. Султон Маҳмуд дар давраи мубориза бар зидди Қарохониҳо, ки барои Мовароуннаҳр мебурд, ба як гурӯҳи Салҷуқиҳо барои маскан намудан дар шимоли Хуросон ба онҳо рухсат дода буд. Кӯшиши озод шудан аз ҷабри андозҳои вазнин ва ба даст овардани замину чарогоҳҳои нав борҳо боиси исён намудани Салҷуқиҳо гардид. Мубориза аввалҳо гоҳ ба фоидаи Салҷуқиёни Хуросон ва гоҳ ба фоидаи ҳукумати ғазнавӣ давом менамуд. Соли 1035 ҳуҷуми нави Салҷуқиён

[7] Байҳақӣ, 1962, с. 108

оғоз ёфт. Масъуд аз Нишопур қувваи зиёди ҳарбиро бар зидди салҷуқиҳо ба Нисо равона намуд. Дар ин муҳориба, агарчанде аввал аскарони ғазнавӣ ғалаба ба даст овsearдаанд, лекин салҷуқиҳо ба қароргоҳи онон шабохун зада, ба лашкари Масъуд зарбаи сахт доданд.

Баъдтар Салҷуқиён ба Ғазнавиён якчанд мартаба зарбаҳои сахт ворид оварда, қисми зиёди Хуросон, аз ҷумла, Нишопурро ишғол карданд. Султон Масъуд тамоми қувваҳои аскари худро ҷамъ карда, ба сӯйи истиқоматгоҳи Салҷуқиҳо ҳаракат намуд. Баҳорони соли 1040 дар наздикии Дандонақон (Тошработи ҳозира) муҳорибаи ҳалкунанда ба вуқӯъ пайваст.

Дар натиҷаи ин муҳориба (аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо мумкин аст онро яке аз хунинтарин ҷангҳо дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна донист) салтанати Ғазнавиҳо дар Хуросон ба таври доимӣ хотима ёфт. Дар баробари тамом шудани ҳарбу зарб сардори Салҷуқиҳо – Туғрал дар майдони ҷанг тахте ороста бар он нишаст ва худро ҳокими кулли Хуросон эълон намуд.[8] Бояд қайд кард, ки аъёну ашрофи шаҳрҳои Марву Нишопур, ки манфиатҳои онон аз тарафи Ғазнавиҳо маҳдуд карда шуда буд, ба Салҷуқиҳо кумаки бузурге расониданд.

Султон Масъуд аз дарёи Марвуррӯд гузашта, ба Ғазнин омад, вале бо вуҷуди ин, ӯ барои дубора ҷамъ кардани қувваи ҳарбӣ бар зидди Салҷуқиҳо ҷуръат накард. Зеро ба вай аён буд, ки дар миёни оммаи васеъ ҳимоят нахоҳад дид. На аъёну ашрофи ба муқобили марказият сар бардошта, на аҳолии аз хироҷу андозҳои бешумор муфлисгардидаи Хуросону Тахористон, на мардуми гирду атрофи Ғазнин, Систон ва мамлакати кӯҳистони Ғур нияти муҳофизат кардани давлати Ғазнавиёнро надоштанд. Дар муҳорибаи назди Дандонақон аз душман рӯ ба гурез ниҳодани гурӯҳ - гурӯҳ аскарон, ки Масъуд бо чашмони худ дида буд, ба ин ҳол хеле равшан гувоҳӣ медод. Аз ин сабаб Масъуд ба қароре омад, ки бояд ҳар чӣ зудтар ба Ҳиндустон рафта, дар он ҷо лашкари пурқувват ҳозир намояд, то ки ба ин восита боздоштани ҳаракати Салҷуқиҳо мумкин гардад.

Чунонки Байҳақӣ менависад, Масъуд пеш аз ба Ҳиндустон сафар кардани худ ба Арслонхон номае фиристода, дар муборизаи зидди Салҷуқиҳо аз ӯ кумак хост. Сипас, вай амр дод, то бародараш Муҳаммадро, ки ҳамроҳи ӯ ба Ҳиндустон рафтанӣ буд, аз ҳабс бароваранд. Тарафдорони Муҳаммад бо ҳам забон як карда, ба Масъуд ҳуҷум намуданд ва ӯро ба ҳабс гирифта, Муҳаммадро ба султонӣ бардоштанд. Масъуд баъди чанд рӯзи дигар ба дасти одамони Муҳаммад кушта шуд (с.1041).

Мавдуд – писари султон Масъуд дар баробари шунидани қатли падараш дар моҳи апрели ҳамон сол ба Ғазнин омада, худро султон эълон намуд. Пас дар ҷанги назди Динур (Фатҳобод) қувваи ҳарбии Муҳаммадро шикаст дода, ӯро тақрибан бо ҳамаи фарзандонаш ба қатл расонид.

Мавдуд на фақат муқобилати бародарони тоҷутахтталаби худро бартараф карда тавонист, дар айни замон, ба нигоҳ доштани Ғазнин ва ҳам Тирмизу Балх дар дасти худ муваффақ гардид. Пас аз ин ба зудӣ дар Ҳиндустон қӯшуни пурқуввате фароҳам оварда, ба муқобили Салҷуқиҳо равона намуд. Вале Салҷуқиҳо ин қувваи султони ғазнавиро ҳам торумор карданд. Ниҳоят Мавдуд

[8] Доир ба ин муҳориба мақолаи махсусе ҳаст: Заходер Б.Н., 1943.

бо подшоҳони Ҳиндустон, Туркистон ва дигар кишварҳои ҳамсоя иттифоқ баста, дар солҳои 1049–1050 бо қувваи зиёде ба Хуросон ҳаракат намуд, аммо дар роҳ касал шуда, ба Ғазнин баргашт ва дар он ҷо вафот кард.

Дар соли 1059 Салҷуқиҳо Балхро забт намуда, алоқаи байни Мовароуннаҳр ва давлати ғазнавиро буриданд. Баъд аз ин давлати Ғазнавиён рӯз то рӯз иқтидори худро гум кардан гирифт. Дар охири асри XII охирин султони ғазнавӣ ба дасти лашкари Ғур – давлати нав дар сарзамини Афғонистон, ки дар интиҳои асри XI ва ибтидои асри XII ба вуҷуд омада буд, асир афтод.

## Давлати Ғуриҳо

Дар асрҳои миёна кишвари кӯҳистониеро, ки дар саргаҳи Ҳарирӯд воқеъ гардида, аз Ҳирот то Бомиён ва ҳудуди Кобулу Ғазна вусъат дошт, «мамлакати Ғур» меномиданд. Ин мамлакат аз тарафҳои ғарб, шимол ва шарқ бо сарзаминҳое мепайваст, ки аз қадимулайём, тоҷикон зиндагонӣ мекарданд. Қисмати зиёди аҳолии Ғур аз қабилаҳои кӯҳистонии тоҷик иборат буд.

Иқлими мусоид ва обҳои фаровони ин мамлакат барои хеле тараққӣ кардани зироат ва чорвопарварӣ имконият медоданд.

Муаллифони асрҳои X–XII ҳангоми тасвири мамлакати Ғур дар бораи мазрааҳои атрофи қасабаҳои аҳолинишин, боғоти ангур ва дарахтони мева, галаву рамаҳои зиёде, ки дар кӯҳсор ва доманаҳои кӯҳ мечариданд, ҳикоят кардаанд.

Дар мамлакати Ғур истихроҷи маъдан ва таҳияи олоти филизӣ нисбат ба он замон ба дараҷаи хеле баланде расида буд. Силоҳ ва либосҳои ҷангии ин мамлакат бағоят шуҳрат пайдо карда, аз чизҳои муҳимми содиротӣ ҳисоб мешуданд.

Муаллифи асри XIII Ҷузҷонӣ, ки аслан аз Ғур аст, дар вақоеъномаи таърихии худ дар асрҳои IX–X ба қабилаҳо тақсим шудани аҳолии Ғур ва бо ҳам ҷангидани онҳоро зикр намудааст. Кӯшке[9], менависад ӯ, бо кӯшки дигар дар ҳолати ҳарб буда, одамон доимо бо ҳисси адоват нисбат ба якдигар зиндагӣ мекарданд.[10] Дар мамлакати Ғур муносибатҳои ғуломдорӣ мавҷуд буд. Маълумоти муаллифи асри X роҷеъ ба бурдани ғуломон аз Ғур дар ин бобат зимнан гувоҳӣ медиҳад.[11]

Дар мамлакати Ғур бақияҳои демократияи ҳарбӣ ба муддати хеле тӯлонӣ давом намуданд.

Дар интиҳои асри X вилоятҳои ҷудогонаи ба сари худ мустақили мамлакати Ғурро подшоҳчаҳо (маликҳо) идора мекарданд. Ин подшоҳчаҳо бештар ҳамчун пешвои қабила ва тоифаҳо буда, фақат аҳёнан якчанд қабилаҳоро ба таҳти фармони худ медароварданд. Ғуриҳо дар айни замон таомули куҳнаеро риоя мекарданд: дар сари ҳар вилоят ду пешво, яъне ҳоким ва сипаҳсолор меистоданд, ки ҳукуматро байни худ баробар тақсим карда буданд.[12]

---

[9] Кӯшк ва истеҳкомот дар қарияҳои авлодӣ дар назар аст.
[10] Ҷузҷонӣ, тарҷумаи Раверти, с. 318
[11] Ҳудуд-ул-олам, 1930. в. 21 б.
[12] Ниг.: ба гуфтаҳои Ф.Энгелс дар бораи ду пешво доштани ирокезҳо дар шароити демократияи ҳарбӣ (К. Маркс ва Ф. Энгелс Асарҳо, ҷ. 21, с. 96, 129).

Муносибати феодалӣ дар ин ҷо нисбат ба Мовароуннаҳр ва Хуросон қадре дертар роҳ ёфтанд. Дар зарфи асрҳои X–XI дар ин мамлакат муносибатҳои нимпатриархалӣ ва нимфеодалӣ ҳукмфармоӣ мекарданд. Ҳокимони вилоятҳои ҷудогона тадриҷан ба феодал табдил ёфта, дар ҳар як вилоят ба худ унвони махсус мегирифтанд. Онҳоро дар вилояти Мандеш «малик» ё худ «меҳтар» (баъдҳо, ғуршоҳ), дар вилояти Тамрон ва Тамазон «варанда», дар Вармишон «вармишпат» меномиданд.

Дини ислом дар мамлакати Ғур ҳам ба мисли дигар вилоятҳои кӯҳистони тоҷик хеле суст ҷорӣ гардид. Ба хулафои араб муяссар нашуд, ки ин мамлакатро ба таҳти тасарруфи худ дароваранд. Аҳолии озодидӯсти он муддати дурударозе ақидаҳои қадимаи мазҳабии худро нигаҳ дошта, ҳатто то миёнаҳои асри XI баъзе қабилаҳо дини исломро комилан қабул накарда буданд.

Истиқрори сохти феодалӣ дар мамлакати Ғур, чи навъе ки дар тамоми Осиёи Миёна рух медод, дар баробари мубориза ҳои шадиди синфӣ ба амал меомад.

Дар соли 907 дар ноҳияи Ҳирот ва Ғур шӯриши халқии қарматиҳо ва маздакиён сар зад. Низомулмулк (асри XI) дар хусуси ин шӯриш чунин менависад: «Дар доманаҳои кӯҳистони Ғур ва Ғарҷистон марде бо номи «Бӯбилол» пайдо шуда, аз ҳар табақа мардум ба гирди ӯ ҷамъ меомаданд... Аз вилояти Ҳирот ва ноҳияҳои атроф одамони пуршумор ба ҳузури ӯ расида, савганд ёд мекарданд; нафароти онҳо аз даҳ ҳазор мутаҷовиз буд…Ёғиҳо дар доманаи кӯҳи Ҳирот падид омада, ошкоро ақоиди кофирон ва қарматиҳоро эълон карданд, онҳо аксар чӯпон ва зореъ буданд».[13] Ин шӯришро қӯшуни Исмоили Сомонӣ бо як сурати бераҳмона фурӯ нишонд. Чи навъе ки сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ин қабил шӯру ошӯбҳо дар маҳалҳои мухталифи кишвари Ғур борҳо ба вуқӯъ омадаанд.

Охири асри XI дар Ғур айёми барқароршавии муносибати феодалӣ буд. Дар нимаи дувуми асри XI ва нимаи аввали асри XII доираи ҳокимияти маликҳои вилояти Мандеш хеле вусъат пайдо намуда, ба тамоми Ғур паҳн гардид. Дар миёнаҳои асри XII давлати феодалии Ғуриҳо таъсис ёфт.[14]

Ҳокимони Ғур баъзе вақтҳо исман ба шинохтани ҳокимияти олии Ғазнавиён маҷбур шуда бошанд ҳам, вале дар зарфи чандин даҳсолаҳо бар зидди ин сулола мубориза бурдаанд. Ниҳоят, онҳо заиф шудани давлати ғазнавиро фурсати мусоид дарёфта, истиқлолияти худро аз нав ба даст оварданд ва дар аҳди ҳукмронии Қутбиддин Маҳмуди Ғурӣ ба қувваи бузурге соҳиб гардиданд.

Ин буд, ки Баҳромшоҳ (яке аз охирин султонони ғазнавӣ) аз афзудани иқтидори Ғуриҳо ва шуҳрат ёфтани Қутбиддин Маҳмуд тарсида, вайро бо роҳи фиреб ба Ғазна биёвард ва ба ҳабс гирифта, пас аз чанде заҳр дода, ҳалок намуд.

Бо вуҷуди ин, дигарбора тасарруф кардани давлати Ғур ба Баҳромшоҳ муяссар нагардид. Баҳромшоҳи Ғазнавӣ дар чанд муҳорибаи шадиде, ки байни ӯ ва бародарони Қутбиддин ба амал омаданд, якзайл шикаст хӯрд. Султон

---

[13] Низомулмулк, 1949, с. 218-219.
[14] Bosworth C. E., 1961; 1968 a, p. 159–166; Массон В. М., Ромодин В. А.. 1964, с. 255–265.

Алоуддини Ғурӣ дар охирин муҳориба қӯшуни Баҳромшоҳро торумор карда, худи ӯро ба гурехтан маҷбур намуд. Шаҳри Ғазна аз тарафи Алоуддин (1150–1151) хароб карда шуд.

Вале муборизаи Ғазнавиён ва Ғуриҳо бо ин ҳама ба итмом нарасид. Дар соли 1186–87 бародарзодаи Алоуддин – Ғиёсиддин Муҳаммади Ғурӣ дар яке аз ҷангҳо охирин хонадони ғазнавӣ, ҳокими Лоҳур – Хусравмаликро асир карда, ба пойтахти давлати Ғур – Фирӯзкӯҳ фиристод. Бо ҳамин салтанати Ғазнавиён тамоман аз миён бардошта шуд. Ғуриҳо ҳокимияти Ғазнавиёнро барҳам дода, ҳукмрони давлати бузурге гардиданд, ки дере нагузашта ҳудуди он дар натиҷаи футуҳоти минбаъдаи онҳо хеле вусъат пайдо намуд. Маркази ин давлат ҳамоно Ғур буд.

Султонони Ғур қувваи зиёдеро ташкил мекарданд. Дар ихтиёри онҳо қӯшуни пуршуморе буд, ки дастаҳои низомии қабилаҳоро низ дар бар мегирифт. Ғайр аз ин, онҳоро ашрофи феодалии тоҷик дар кӯҳистони Бадахшон ва ҳавзаи дарёи Аму пуштибонӣ менамуданд. Дар охири асри XII маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон) ва Ӯзбекистони кунунӣ, аз ҷумла, ноҳияи Вахш, Чағониён, Шуғнон ва Вахон ба ҳайати давлати Ғур дохил карда шуданд.

Солҳои 1152–1206 дурахшонтарин давраи таърихи мамлакати Ғуриҳо ҳисоб мешавад. Пешрафти бузурги иқтисодӣ ва мадании давлати Ғур низ ба ҳамин давра алоқаманд аст. Лекин, азбаски мамлакати Ғуриҳо нисбат ба дигар маҳалҳои Осиёи Миёна хеле ақибмонда буд, ин пешравӣ дер давом накард.

## Салҷуқиҳо ва Низомулмулк

Ҷанги Дандонақон, ки дар соли 1040 сурат гирифта, тақдири давлати Ғазнавиёнро ҳал карда буд, боиси тамоман ба Хуросон соҳиб шудани Салҷуқиён гардид.[15]

Туғралбеки Салҷуқӣ (1040–1063) пас аз ин ғалаба фавран худашро «султон» эълон кард ва бародари худро дар Хуросон гузошта, ба тарафи Гургон лашкар кашид. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ на фақат Гургон, Табаристон, Хоразм ва Озарбойҷонро ба таҳти тасарруфи худ гирифт, балки як қисми вилоятҳои ғарбии Эрони кунуниро низ ишғол намуда, дар соли 1055 пойтахти хилофати Аббосӣ шаҳри Бағдодро ба дасти худ даровард ва салтанати давлати салҷуқиро расман эълон кард. Султон Туғрал Кирмон ва Форсро низ забт намуда, дар Кавказ ба қӯшуни давлати Румия шикасти сахт ворид овард.

Пас аз вафоти Туғрал бародарзодаи ӯ Алпарслон (1063– 1072) ба тахт нишаста, хоки давлати салҷуқиро хеле вусъат дод. Алпарслон баъзе ҷойҳои Мовароуннаҳрро ба худ тобеъ кард. Вай инчунин императори Румия – Романи IV Диогенро мағлуб намуд.

Дар вақти ҳукмронии Ҷалолиддини Маликшоҳ (1072–1092) ҳудуди давлати салҷуқӣ ба дараҷае тавсеа ёфт, ки аз соҳилҳои баҳри Миёназамин сар карда, то сарҳади давлати империяи Чин қариб тамоми мамлакатҳои исломии Осиё дар таҳти тасарруфи он қарор гирифтанд. Аммо пас аз фавти Маликшоҳ

---

[15] Бартолд В.В., 1963 в, с. 569–583; Заходер Б.Н., 1945. Таърихи минбаъдаи Салҷуқиён дар ин асар муфассалан тавзеҳ ёфтааст; Bosworth C.E., 1968 a.

давлати паҳновари салҷуқӣ аз ҳам пош хӯрда, ба якчанд мулку давлатчаҳо тақсим шуда рафт.

Дар асри XII пойтахти давлати салҷуқии аҳди Санҷар (1118– 1157) шаҳри Марв буд. Ин шаҳр хеле тараққӣ карда, масоҳати бузургеро ишғол менамуд, каналҳои зиёди обёрӣ ва маҳаллаҳои калони пешаварӣ дошт. Марв ҳамчунин яке аз марказҳои мадании онвақта ба шумор мерафт. Ёқут чунин менависад: «Вақте ки ман онро (яъне Марвро.– Б.Ғ.) тарк кардам, дар он ҷо даҳ китобхонаи вақф мавҷуд буд, ки дар бобати фаровонӣ ва бартарии китобҳои маҳфузгардида назири чунин як ганҷинаи китобро дар олам надидаам».[16]

Дараҷаи маданияти Салҷуқиёни бодиянишин нисбат ба савияи мадании халқҳои мутеъгардидаи Мовароуннаҳр ва Хуросон хеле паст буд. Кормандони дараҷаи дувум ва севуми давлати салҷуқиро як сӯ гузорем, худи «Салҷуқиёни бузург» низ аз дониш дур буданд. Масалан, Туғрал ва Алпарслон, ҳатто савод ҳам надоштаанд.

Ин вазъият сабаб шуд, ки дар умури идораи ҳукумати Салҷуқиён мардони сиёсии маданитарин халқҳои ин сарзамин – форс, тоҷик ва туркони муқимӣ роли муҳимме бозанд. Ҳамеша дар чунин мавридҳо фотеҳон дар таҳти таъсири халқҳои мутеъ, вале хеле маданӣ қарор мегирифтанд.

Бузургтарин арбоби давлатии аҳди салҷуқӣ Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ буд, ки дар Хуросон таваллуд ёфта, тақрибан 30 сол (1063–1092) дар замони ҳукмронии Алпарслон ва Маликшоҳ хидмати вазириро адо кардааст. Ӯ дар дарбори ин подшоҳон, алалхусус Маликшоҳ, обрӯй ва нуфузи бениҳоят пайдо намуда, лақаби «Низомулмулк»-ро гирифтааст. Низомулмулк як марди хеле оқил ва фозиле буд. Ӯ дар корҳои мамлакатдорӣ комилан ба таҷрибаҳои давраи Сомониён такя мекард ва барои эҳё намудани анъанаҳои мадании он давра кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод.

Бештар бо ташаббус ва фаъолияти Низомулмулк усули идораи давлати салҷуқӣ ба тартиб андохта шуд. Чи навъе ки тамоми сарчашмаҳои таърихӣ тасдиқ мекунанд, айёми ҳукмронии Салҷуқиён то як андоза давраи тараққиёти осоишта ва ривоҷи тиҷорату иқтисодиёти феодалӣ буд. Шаҳрҳо умрону обод гардида, дар онҳо миқдори пешвароне, ки бо дастаҷамъӣ ва муташаккилона кор мекарданд, хеле афзоиш пайдо намуд.

Лекин вазъияти оммаи меҳнаткаш дар замони Низомулмулк низ ҳамоно бад буд. Низомулмулк ба мақсади пешгирӣ кардани тороҷгариҳое, ки феодалон нисбат ба барзгарон раво медиданд ва ин ҳол оқибат боиси кам шудани оидоти давлат мегардид, маҷбур шуд гузаронидани як қатор тадбирҳоро ба ҳокимони салҷуқӣ пешниҳод намояд. Ин тадбирот худсариҳои сардорони ҳарбӣ ва иқтаъдоронро маҳдуд мекард, то ки мардум тамоман муфлис нагардад ва дар айни замон ба ҳукмронии худи феодалон осебе нарасад.

Низомулмулк барои марказиятнок шудани идораи давлат ҳам чораҳои муассир пешбинӣ намуд. Вале ҳеҷ яке аз ин тадбирот бидуни ташкили дастгоҳи маъмурӣ, бидуни одамони доно ва босавод амалӣ намегардид.

Низомулмулк барои ташкил намудани мактабҳои олии диния – мадрасаҳо кӯшиши зиёде кард. Дар бисёр шаҳрҳо, аз ҷумла, дар Бағдод, Нишопур,

[16] Ёқут, IV, с. 509

Ҳирот, Балх, Марв ва ғайра ин қабил мактабҳо таъсис ёфта, ба шарафи ташкилкунандаи худ унвони «Низомия»-ро гирифтанд. Программаи таълими мадрасаи «Низомия»-и Бағдод дар баробари аз ёд кардани Қуръон, ҳадисҳо ва дигар риштаҳои улуми динӣ, ҳамчунин илми ҳуқуқ, забон ва адабиёти араб, риёзиёт ва амсоли инро дар бар гирифта буд. Мадраса мебоист намояндагони табақаи амалдорро дар рӯҳи эътиқод ба дини ислом тарбия карда, ба ин васила зумраи соҳибмансабро бо рӯҳониёни мусулмон наздик ва яксон намояд. Ғайр аз ин, дастпарварони мадраса бояд аз болои мардум назорати диниро анҷом дода, онҳоро аз равияи исмоилия дур мекарданд.[17]

Низомулмулк инчунин дар бобати тавсеаи тиҷорати хориҷӣ чораҳои лозима дид, аз ҷумла, ба бекор кардани боҷҳои зиёде, ки ба тараққии бозаргонӣ мамониат мекарданд, муваффақ шуд.

Баъзе муаррихон Низомулмулкро берун аз ҳад ситоиш намуда, ҳамчун мубориз беҳбудии халқ ба қалам медиҳанд. Албатта, ӯ ҳеҷ гоҳ чунин шахс набуд. Агар баъзе тадбироти пешбиникардаи вай худсариҳои сардорони ҳарбӣ ва феодалонро маҳдуд намуда ва худи ӯ барои ба вуҷуд овардани мадрасаҳо ғамхорӣ карда бошад, пас ҳамаи инҳо фақат барои мустаҳкам гардидани иқтидори Салҷуқиҳо, барои ҳарчи бештар пур шудани хазинаи давлат хидмат мекарданд.

Дар усули иқтаъ ва иқтаъдории давлати Салҷуқиён, пеш аз ҳама, манфиати аъён ва ашрофи туркони салҷуқӣ ба назар гирифта шуда буд. Ба тавассути иқтаъ мадохили асосии мамлакат ба дасти аъзои хонадони салтанатии Салҷуқиён медаромад. Ҳар яке аз аъзои ин хонадон ба шаҳрҳо ва вилоятҳои ҷудогонаи зироатӣ соҳиб шуда, даромади инро ба манфиати шахсии худ сарф мекарданд. Хешу табори подшоҳони салҷуқӣ ва сардорони ҳарбии онҳо низ бо роҳи иқтаъ ба тамоми як деҳа ва ҳатто ноҳияе соҳиб буданд. Ҳамаи ин, албатта, дар байни феодалони маҳаллӣ, ки пас аз ба сари ҳокимият омадани Салҷуқиён аз қисми зиёди оидоти худ маҳрум шуда буданд, ҳисси эътироз ва норизоятӣ ба вуҷуд меовард.

## Неҳзати исмоилия

Неҳзати исмоилиҳо [18] тақрибан муддати чорсад сол дар таърихи Осиёи Миёна ва Эрон роли калоне бозӣ кард. Ф.Энгелс навишта буд: «Оппозитсияи револютсионӣ нисбат ба феодализм дар тамоми давраи асрҳои миёна мавҷуд буд. Ин оппозитсия мутобиқи шароити замон гоҳ дар шакли тасаввуф, гоҳ дар шакли бидъати ошкоро ва гоҳ дар шакли шӯриши мусаллаҳ зоҳир мешавад».[19] Ҳамаи ин се шаклро дар марҳилаҳои гуногуни неҳзати исмоилия метавон мушоҳида намуд.

Дар асри VIII исмоилиҳо – тарафдорони имом Исмоил, ки ҳафтумин авлоди Алӣ ва Фотима буда, аз тарафи падараш Ҷаъфари Содиқ мардуд гардидааст, як фирқаи хурди сӯфияи шиаро ташкил мекарданд.

---

[17] Tritton A.S., 1957,p. 102 et seq; Makdisi G., 1961; Tibawi A.L., 1962.
[18] Доир ба исмоилия ниг.: Беляев Е.А., 1957; Бертелс А.Е., 1959; Петрушевский И.П., 1966.
[19] К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 7, с. 361.

Дар охири асри IX ҳангоми шӯриши қарматӣ[20] ба исмоилиҳо муяссар шуд, ки дар Мағриб ҳокимияти сиёсиро ба даст даротанд ва раҳбарияти фирқаи исмоилия қариб дусад сол дар сари давлати пуриқтидори феодалӣ – хилофати Фотимиён, ки пойтахти он Миср (аз соли 974) буд, қарор гирифт.

Дар асрҳои X–XI исмоилия, ҳамчун ҷараёни бидъатомези ба мазҳаби суннии ислом мухолиф, дар саросари Шарқи Миёна, хусусан дар Осиёи Миёна ва Эрон паҳн гардид. Исмоилиҳо аз фалсафаи Юнон истифода бурда, системаи томи таълимоти ратсионалиро инкишоф медиҳанд ва ба ин васила зиёиён, бисёр мутафаккирон ва ходимони барҷастаи давлатиро ба тарафи худ мекашанд. Дар Хуросон ва Мовароуннаҳр, ки аз Миср то ба ин ҷо роҳи якмоҳаи корвонист, халифаҳои фотимиро ҳокимони «ҷорикунандаи адлу инсоф дар рӯйи замин» номида, аксарияти мардум ба ин макри воизони исмоилӣ бовар мекарданд.

Дар охири асри XI исмоилиҳои Осиёи Миёна ва Эрон аз хилофати рӯ ба таназзул ниҳодаи Фотимӣ  алоқаи худро бурида, Ҳасан ибни Саббоҳро сардори худ интихоб намуданд. Дар Исфаҳон, ноҳияи Қазвин ва дигар вилоятҳо шӯриши халқ ба амал омад. Исмоилиҳо дар ноҳияи Қазвин давлатчаи худро таъсис карда, қалъаи Аламутро пойтахт қарор доданд. Онҳо як қатор қалъаҳои ишғолкардаи худро ба такягоҳи мустаҳкам табдил дода, ташкилоти махфии террористии бар зидди ҳокимони салҷуқӣ нигаронидашударо барпо карданд. Фидоиёни ин ташкилот ба чусту чолокӣ ва ҷасорат ном баровардa буданд. Одамони мансуб ба аъёну ашроф аз ханҷари фидоии исмоилӣ чунон метарсиданд, ки ҳамеша аз таги ҷома зиреҳ пӯшида мегаштанд.

Моҳи октябри соли 1092 Низомулмулк ба дасти террористони исмоилӣ кушта шуд. Исмоилиҳо баъдтар султон Санҷарро ҳам ба дараҷае тарсонида монданд, ки ӯ фикри ба қалъаҳои исмоилӣ ҳуҷум карданро тамоман аз сари худ дур кард.[21]

Табиист, ки неҳзати дар асрҳои X–XIII, дар шароити ҷамъияти гуногунтабақа ва гуногунсинфи феодалӣ ҷараёнёфтаи исмоилия аз ҷиҳати синфу табақа якранг набуд. Қувваи асосии «ҷанги занҷиҳо» ва шӯриши қарматиҳо аввал ғуломони зангӣ, сонӣ деҳқонони безамин ва тоифаҳои кӯчманчии бадавӣ буданд. Аммо футуҳоти ин давра табақаҳои ашрофро, масалан, ашрофи ғуломдорро дар давлати қарматии Баҳрайн ва ашрофи феодалиро дар давлати фотимиҳои Миср низ истифода намуд. Дар тамоми ҳаракати исмоилияи асрҳои IX–XI падидаҳои эътирози аҳли меҳнат, эътирози табақаҳои поини шаҳрро аз найрангбозиҳои табақаҳои болоии ашроф, ки доимо мардумро фиреб медоданд, бояд фарқ кард.

Дар неҳзати исмоилия ҷараёнҳои гуногун вуҷуд доштанд. Дар овони шӯришҳое, ки оммаи васеи деҳқонон ва камбағалони шаҳр иштирок доштанд,

---

[20] Доир ба исмоилиҳо ва қарматиҳо ниг.:Stern S.M., 1961–1962.

[21] Футуҳоти муғул ба давлати исмоилӣ зарбаи ҳалокатовар расонд. Соли 1256 қалъаи Аламут аз по афтод ва сардори исмоилиҳо - Хуршоҳ ба қатл расид. Пас аз ин исмоилиҳо дигар дар ягон ҷо ба сари ҳокимият омада натавонистанд. Дар Ҳиндустон ва кишварҳои дигар фирқаи мазҳабии аз ҷамоат дури исмоилия то рӯзҳои мо боқӣ мондаанд. (Доир ба таърихи неҳзати асримиёнагии исмоилӣ ва давлати онҳо тадқиқоти бисёре ҳаст, аз ҷумла: Hodgson M.G.S. ., 1955; Lewis B, 1966; Hodgson M. G. S., 1968.)

шиорҳои маздакии баробарии моликият ва адлу инсоф, эътирозҳои зидди зулму истибдод пайдо мешуданд. Дар вақти ҳамчун ҷамъияти махфӣ мавҷудияти худро нигоҳ доштани ташкилоти исмоилӣ ва муқаррар гардидани якчанд дараҷаи огоҳӣ аз назарияи исмоилия фалсафаи ратсионалистӣ ба он роҳ меёбад.

Таълимоти исмоилиён умуман ба муқобили ҳанафияи ислом буд, ки дар аҳди ҳукмронии Салҷуқиён на фақат шарҳу басти озодонаи Қуръон ва масъалаҳои илоҳиётро, балки ҳама гуна таҳқиқоти илмӣ, ҳатто тадқиқи риёзиёт, ҳайъат, тиб ва амсоли онро манъ карда буд, як шакли эътироз ба шумор мерафт.

Ҷиҳатҳои пешқадам ва пешрави идеологияи исмоилии асрҳои X–XI-ро бояд таърихан конкрет, дар заминаи воқеияти беамони давр муайян кард. Мардонагии воизони исмоилӣ шоистаи таҳсин аст. Онҳо «дониши» худро, аз ҷумла, илмҳои ақлӣ ва дақиқро ба таъқиботи ваҳшатангез нигоҳ накарда, таблиғ ва интишор менамуданд.

Роли исмоилияи асрҳои IX–XI дар бобати нигоҳ доштани анъанаи афкори озод бағоят калон аст. Бесабаб нест, ки аксари муаллифони маҳкамэътиқоди асримиёнагии ислом, аз қабили ан-Надим, Абдулқоҳири Бағдодӣ, Ибни Хазм, Низомулмулк исмоилиёнро хавфноктарин душманони дини ислом ва маҳвкунандагони он номидаанд. Бо вуҷуди ин, исмоилиёни одӣ содадилона гумон мекарданд, ки онҳо «барои покизагии дини ислом мубориза мебаранд». Бо чунин усул, яъне «баҳри покизагии дин» ҷорӣ намудани ғояҳои таодулӣ ба бисёр бидъатҳои халқии асри миёна хос мебошад.

## Қарохониён

Таърихи Осиёи Миёнаи аҳди Қарохониён ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст. Манбаъҳои хаттӣ доир ба ҷараёни вуқуоти сиёсӣ ва низоми дохилии давлати Қарохониён фақат маълумоти ҷузъӣ медиҳанд. Муаррихон ҳамеша ба умеди таҳқиқи сиккаҳои қарохонӣ буданд. Вале сиккаҳои қарохонӣ ҳамчун манбаи таърих хеле мураккаб ва барои омӯзиш ниҳоят душворанд ва аз муҳаққиқ эҳтиёт ва диққати ҷиддиро талаб менамоянд. Дар давоми даҳсолаҳои охир илми сиккашиносӣ роҷеъ ба таҳқиқи аҳди Қарохониён муваффақиятҳои муҳим ба даст овард, алалхусус, ҳалли як силсила масъалаҳои баҳснок ва, ҳатто тамоман омӯхтанашудаи таърихи Осиёи Миёнаи асрҳои XI–XII муяссар гардид. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи хулоса ва тахминҳои муаррихон ва сиккашиносон ба як дараҷа боварибахш ва тамоман исботшуда ба шумор мераванд, дар ин бобат ҳоло корҳои бузург, бисёр кашфиётҳои тоза ва таҷдиди назари баъзе ақидаҳо дар пешанд.

Дар байни таърихи сиёсии Қарохониён мо ба асарҳои машҳури В.В.Бартолд, ки беҳтарин намунаи таҳлили интиқодии ахбору маълумоти номуназзам ва зидди якдигари сарчашмаҳои хаттӣ мебошанд, истинод намудем. Ҳамчунин баъзе хулосаҳои эътимодбахши сиккашиносон, ки ба саҳеҳ ва мукаммал шудани мадракҳои манобеи хаттӣ имкон медод, мавриди истифодаи мо буд.

Пайдоиши худи сулола маълум нест, номи дар илм қабулшудаи он (Қарохониён ва гоҳо Илокҳо) тамоман шартӣ буда, муаррихони асри XI аз ду

унвони маъруф: қарохон ва илок гирифтаанд. Зоҳиран, ҳастии асосии давлати Қарохониёнро қабилаҳои туркии яғмо ва чигилӣ ташкил мекарданд, ки дар ному лақабҳои давраи зуҳури қарохонӣ бештар дучор меоянд. Аввалҳо лақаби аз ҳама олӣ Арслонхон («арслон» – шер – нишони қабилавии чигилӣ) ва Буғрохон («буғро» – шутурнишони қабилавии яғмо) ҳисоб мешуд.[22] Тахминан аз миёнаҳои асри X ислом дини давлатии Қарохониён гардид. Дар вақти оғози истилои Осиёи Миёна мақоми асосиро дар байни Қарохониён Алӣ ва Ҳасани Буғрохон ишғол мекарданд; чунонки дар боло зикр карда шуд, Ҳасани Буғрохон соли 992 ба юриши Мовароуннаҳр сардорӣ карда, сипас, Наср ибни Алӣ ин вилоятро комилан тасарруф намуда буд. Ин ду хонадон, яке авлоди Алӣ («Алиён») ва дигаре авлоди Ҳасан («Ҳасаниён»), ҳанӯз дар охири асри X нуфуз ва иқтидори зиёде пайдо намуда, мулкҳои калонеро соҳибӣ мекарданд.

Дар ин давра умуман давлати Қарохониён ба чандин амлок тақсим шуда, ҳудуди онҳо ҳамеша тағйир ёфта меистод. Соҳибони амлок ҳуқуқ ва имтиёзҳои калоне доштанд, онҳо метавонистанд ҳатто ба номи худ пул бароранд. Мулкдорони хурд ҳам амлок ва ҳам амлокдорро иваз менамуданд. Алоқаи тобеият серзина буд. Таърихи сиёсии ин давра пур аз ҳаводиси ҷангу талошҳои байнихудӣ мебошад.[23]

Дар вақтҳои аввал имтиёзи сиёсӣ ба ҷониби авлоди Алӣ – «Алиён» буд. Пас аз истилои Мовароуннаҳр онҳо ба сарзамини бузурге соҳиб гардиданд, ки дар ғарбу ҷануб қад-қади Амударё бо ҳудуди давлати Ғазнавӣ тӯл мекашид, дар шарқ бародари Наср – Тӯғанхон Кошғарро ба даст даровард. Дар ин овон сардорони сулола гоҳо аз байни намояндагони гуногуни хонадони «Алиён» ҳам хоста шудаанд.[24]

Вале дере нагузашта кори хонадони дигар, яъне «Ҳасаниён» низ боло гирифт. Онҳо аз тарафи шарқ ба «Алиён» фишор оварданд. Бар тибқи маълумоти сиккаҳо, писари Ҳасани Буғрохон – Юсуфи Қадархон дар соли 1005 Тӯғанхонро ронда, Кошғарро соҳибӣ кард.[25]

Тадриҷан хонадони «Ҳасаниён» чунон иқтидор пайдо кард, ки пас аз фавти писарони Алӣ унвони ифтихорӣ ва лақабҳои олии сардори сулола ба онҳо насиб гардид. Аз соли 1026/27 сардори Қарохониён Юсуфи Қадархон буд ва дар муносибатҳои дипломатӣ бо дигар давлатҳо низ ӯ бо ҳамин сифат баромад мекард. Пас аз марги ӯ (с.1032) писараш – Сулаймон лақаби «Арслонхон»-ро гирифта ба сари ҳокимият омад ва сардори Қарохониён гардид. Маркази амлоки хусусии ӯ шаҳрҳои Баласоғун ва Кошғар буданд. Бародари ӯ – Муҳаммад бо номи «Буғрохон», ки лақаби аҳамиятан дувум ба шумор мерафт,

---

[22] Тавсифи фарзияҳои оид ба пайдоиши ин сулоларо ниг.: Pritsak O., 1953, p. 21–22

[23] Масъалаи ному лақаб ва силсилаи маротиби феодалӣ, ҳамчунин тамоми дигар мадракҳои сиккашиносии марҳалаи аввали таърихи Қарохониён муфассалан дар ин асарҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: Vasmer R. 1930; Pritsak O., 1950; Pritsak O., 1953; Федоров М. Н., 1965.

[24] Аммо дар байни олимон ақидаи ягонае нест, ки кадоме аз писарони Алӣ ва кай сардори сулола ва дорандаи унвонҳои олӣ гардидааст. Душвории ҳалли ин масъала, бешак, боз дар он аст, ки мақоми зоҳирӣ дар силсилаи маротиби феодалӣ аксаран бо ҳокимият ва нуфузи амалӣ мувофиқат намекунад, ки баъзе муҳаққиқон инро фаромӯш мекунанд.

[25] Vasmer R., 1930, c. 93–94; Давидович Е.А., 1968 а, с. 70, 71; В.В. Бартолд (1963 б, с. 343) аз ин сиккаҳо хабар надошт, бинобар ин санаҳои ӯ дигар, яъне нисбатан дертар аст.

ҳокимияти худро дар Исфиҷоб ва Тироз барқарор намуд.[26] Пас, муваффақияти ин хонадон фақат дар эътирофи зоҳирии сулоладории онҳо ифода намеёфт. Онҳо ба тадриҷ «Алиён»-ро торафт бештар танг карда бароварда, вилоятҳои нав ба навро соҳиб мешуданд. Ҳатто Фарғона, ки мулки аслии «Алиён» буда, шаҳри Ӯзганди он пойтахти фотеҳи Мовароуннаҳр – Наср ибни Алӣ ҳисоб мешуд, ба таҳти тасарруфи Юсуфи Қадархон ва хусусан ду писари ӯ – Сулаймони Арслонхон ва Муҳаммади Буғрохон дохил гардид.[27]

Мовароуннаҳри фатҳкардаи Наср ибни Алӣ ҳам ба ихтиёри «Ҳасаниён» гузашт. Бухоро ва умуман тамоми Мавороуннаҳри марказиро ҳанӯз соли 1025 Алитегин, бародари Юсуфи Қадархон, зери даст карда буд.[28] Ҳар ду бародарон бо ҳам муросо намекарданд. Қадархон, зоҳиран, аз афзудани нуфузи Алитегин метарсид. Подшоҳи ғазнавӣ – султон Маҳмуд ҳам аз ӯ хавф мебурд. Бинобар ин онҳо бо ҳам забон як карда, соли 1025 якҷоя ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карданд.[29] Мулоқотҳои ду подшоҳи маъруфи онвақта, ки бо зиёфатҳои бошукӯҳ ва инъомҳои гаронбаҳо сурат меёфт, бо қарори аз Алитегин (ба фоидаи Қадархон) кашида гирифтани Мовароуннаҳр ва пайвастани риштаи ақрабоӣ анҷом пазируфт. Вале ин ҳар ду қарор ҳам амалӣ нагардид. Султон Маҳмуд он қадар кувват гирифтани Қадархонро ҳам намехост. Алитегин боз солҳои дароз дар Мовароуннаҳр ҳукм ронда, унвони бодабдабаи «Тамғоч Буғрохон»-ро қабул намуд[30] ва нисбат ба хешовандони худ тамоман мустақил гардид. Аҷибаш ин ки Ғазнавиён дар давраҳои минбаъда ҳам аз Алитегин хеле дар хавф буданд. Дар доираҳои дарбори ғазнавӣ ӯро душмани хатарнок, маккор ва ҳилагар мешумурданд ва зарурати аз ӯ хеле ҳушёрона муҳофизат кардани вилоятҳои сарҳадии давлатро таъкид менамуданд. Ин буд, ки Масъуди Ғазнавӣ бо нияти халос шудан аз Алитегин дар соли 1032 Олтунтоши Хоразмшоҳро ба муқобили ӯ ба Мовароуннаҳр равона кард. Алитегин бо мулоҳизаи тактикӣ Бухороро тарк намуд. Олтунтош шаҳрро ишғол карда бошад ҳам, муҳорибаи асосӣ дар ҷойи дигар ба вуқӯъ пайваст. Ба Олтунтош захми марговар расид. Маҷбур шуданд, ки бо Алитегин муоҳида баста, қӯшуни хоразмиро аз Мовароуннаҳр бароваранд.

Алитегин ҳамеша дар дили худ нияти аз Ғазнавиён зада гирифтани баъзе мулкҳои соҳили Амударёро мепарварид. Ӯ дар шахси Ҳоруни Хоразмшоҳ, ки аз Ғазнавиён ранҷиш дошт, иттифоқчии худро пайдо намуд. Вале ба амал овардани ин ният ба Алитегин муяссар нашуд. Дере нагузашта, соли 1034 ӯ вафот кард. Ҳуҷуми муттафиқонаро писарони ӯ ба амал оварданд. Онҳо вилояти Чағониёнро забт намуда, Тирмизро ба муҳосира гирифтанд. Аммо ба сабаби кушта шудани Ҳорун аз тарафи қӯшуни хоразмӣ ҳимоят надида,

[26] Бартолд В. В., 1963 б, с. 357.

[27] Марков А. К., 1896, с. 246, 256, № 348, 401; Vasmer R., 1930, с. 95; Давидович Е.А., 1968 б, с. 69–74 ва табл. 1–2.

[28] Ба хонадони «Ҳасаниён» нисбат доштани Алитегинро О. Притсак муқаррар намуд (Pritsak O., 1950, с. 216–224).

[29] Барои донистани тафсили ин юриш ва оқибатҳои сиёсии он ниг.: Бартолд В. В., 1963 б, с. 344 ва мобаъд.

[30] Нисбати ин унвонро ба Алитегин (на ба хоҷаи ӯ, чунонки В.В.Бартолд гумон дошт, Р. Фасмер ба таври боварибахш исбот намуд (Ниг.:Vasmer R., 1939, с. 96-97).

маҷбуран пас гаштанд. Пас аз ин муносибати байни фарзандони Алитегин ва Масъуди Ғазнавӣ дар зоҳир гӯё дуруст шуд.

Дар тамоми ин давраи тӯлонии пирӯзиҳои бузурги сиёсии «Ҳасаниён», ки аз шарқ то ғарб саросари сарзаминҳои давлати қарохониро ба зери фармони худ даровварда буданд, дар манбаъҳои хаттӣ роҷеъ ба «Алиён» тақрибан чизе ба назар намерасад. Чунонки аз сиккаҳо маълум мегардад, ду писари Насри фотеҳи Мовароуннаҳр – Муҳаммад ва Иброҳим фақат соҳибмулки ноҳияҳои хурде буда, дар айни замон ба кадом як узви олимақоми сулола нисбати тобеият ҳам доштаанд. Аввалҳо вазъияти Муҳаммад ибни Наср, ки дар манбаъҳои хаттӣ бо номи «Айн-уд-Давла» машҳур аст, хеле беҳтар буд. Ӯ чанде аз шаҳру ноҳияҳои Фарғона, бештар Ӯзганд (собиқ пойтахти падараш), баъзан Ахсикат, Хуҷанд ва баъд Қубаро соҳибӣ мекард. Вале қариб ҳама вақт дар сикка номи соҳибдавлати худро сабт менамуд.[31]

Дар солҳои 40-уми асри XI мақоми намоёнеро дар арсаи сиёсат Иброҳим ибни Наср ишғол менамояд. Ӯ дар овони ҷавонӣ лақаби хоксоронаи «Бӯритегин»-ро гирифта, мулки майдае дошт ва як вақт, ҳатто ба дасти писарони Алитегин асир ҳам афтода буд. Аз асирӣ фирор карда, назди бародараш ба Ӯзганд рафт, вале бо вай муросо карда натавонист. Ниҳоят, соли 1038 қӯшун ҷамъ карда, ба вилоятҳои Хатлон, Вахш ва баъдтар ба Чағониён ҳамлавар шуд. Ҳарчанд ин вилоятҳо дар доираи нуфузи Масъуди Ғазнавӣ воқеъ гардида буданд, ба сабаби андармонӣ ба муборизаи зидди Салҷуқиҳо маҷбур шуд, ки ба тохтутози Бӯритегин дар вилоятҳои худ тан диҳад. Ғайр аз ин, ӯ ҳаминро ҳам ба назар мегирифт, ки адовати байни Бӯритегин ва Қарохониёни Мовароуннаҳр (писарони Алитегин) аз ин сӯ ӯро хотирҷамъ карда, зарурати дар ду ҷабҳа мубориза бурданашро аз байн мебардорад.

Вале вилоятҳои назди дарёи Аму барои Бӯритегин фақат ҳамчун мавзеи мувофиқи амалиётҳои ояндаи ӯ хизмат мекарданд. Ӯ аз ҳамин ҷо истилои Мовароуннаҳрро сар карда, бо суръати тамом ба ҳусули мақсад муваффақ мешуд. Бесабаб набуд, ки баъди пирӯзии нахустин дар муборизаи зидди писарони Алитегин ӯ лақаби худро иваз карда, ба ҷойи Бӯритегин унвони дабдабаноки «Тамғоч Буғрохон»-ро гирифт,[32] ки онро пештар дар Мовароуннаҳр Алитегин дошт. Ғайр аз ин, ӯ унвони ифтихории «Муаййид-ул-Адл»-ро ҳам, ки падар ва бародараш доштанд, соҳиб шуд. То соли 1041 тамоми Мовароуннаҳр ба қаламрави ӯ даромад. Масъуди Ғазнавӣ, ки дар муҳорибаи наздики Дандонақон (с.1040) аз салҷуқиҳо зарбаи сахт хӯрда буд, ба ин ҳама болоравиҳои Иброҳим ибни Наср розӣ шуда, ҳатто бо мақсади

[31] Давидович Е.А., 1968 с.67-74.

[32] Масъалаи ба ин овон тааллуқ доштани унвони Тамғоч Буғрохон аҳамияти на зоҳирӣ, балки хеле ҷиддӣ дорад: ин масъалаест дар бораи замон ва роҳҳои қарор гирифтани давлати мустақили қарохонӣ дар Мовароуннаҳр. В.В.Бартолд (1963 б, с. 367) ва Р.Фасмер (Vasmer R., 1930, с. 97–98) гумон доштанд, ки ин унвон ба соҳибдавлатони Бӯритегин тааллуқ дорад (онҳо ба сифати соҳибдавлат ду шахси тамоман гуногунро ном мебаранд). О.Притсак (Pritsak O., 1950, с. 222, 224) тахмин мекард ва Давидович Е.А. (1970 б) исбот намуд, ки ин унвон ба худи Бӯритегин тааллуқ дорад (ӯ худро ҳеҷ гоҳ мутеи Қарохониёни шарқӣ эътироф накардааст) ва онро на дертар аз соли 1040, яъне то истилои тамоми Мовароуннаҳр қабул кардааст.

дилгарм кардани он ва дар шахси ӯ пайдо кардани иттифоқчии хуб барояш туҳфаву инъомҳо фиристод.

Иброҳими Тамғочхон сиёсати мустақили хориҷии худро ҷорӣ намуд ва соҳибдавлатии Қарохониёни шарқиро эътироф накард. Дар аҳди ӯ дар Мовароуннаҳр давлати мустақили Қарохониён комилан ташаккул ёфт, ки марказаш Самарқанд буд.[33] Дере нагузашта, дар оғози нимаи дувуми асри XI Иброҳим ибни Наср Фарғонаро ҳам, ки дар таҳти тасарруфи Қарохониёни шарқӣ буд, ишғол намуд.

Сиёсати дохилии Иброҳими Тамғочхон низ хеле шоёни диққат аст. Агар ба ривоятҳои дар сарчашмаҳо овардашуда бовар кунем, Иброҳими Тамғочхон то як дараҷа мувозиби амният, оромиш ва эҳтиёҷоти раияи худ буд ва аз ин лиҳоз дар байни мардум шуҳрат дошт. Хусусан касони ба моликият даст дарозкардаро беамон ҷазо медод. Дар ин бобат манбаъҳо як силсила ҳикоятҳо доранд. Рӯзе роҳзанҳо рӯйи дарвозаҳои қалъаи Самарқанд навиштанд: «Мо мисли пиёзем: чи қадре ки бидраванд, ҳамон қадар мерасем». Иброҳим Тамғочхон амр кардааст, ки ҷавобан чунин нависанд: «Ман ин ҷо мисли боғбон ҳастам, чи қадре ки сабзед, ҳамон қадар медаравам!» Ӯ гӯё муваффақ шудааст, ки дуздиро дар қаламрави худ барҳам диҳад. Вай нарху навои бозорро ҳам назорат мекардааст ва ба қиматфурӯшӣ роҳ намедодааст. Чунин ҳикояти аҷибе оварда мешавад: рӯзе қассобҳо баландтар кардани нархи гӯштро хоҳиш карда, ваъда додаанд, ки ба хазина ҳазор динор тақдим мекунанд. Хон розӣ шуда, пул гирифтааст, вале харидани гӯштро ба аҳолӣ манъ кардааст. Қассобҳо маҷбур шудаанд боз ҳамон қадар пул дода, нархи пештараро барқарор кунонанд.[34]

Аз рӯйи мадракҳои сиккашиносӣ маълум шуд,[35] ки ӯ дигар чораҳои беҳтар намудани шароити тиҷорат ва бозаргониро пешбинӣ кардааст. Чунончи, дар Фарғона то аҳди ӯ асоси муомилоти пулиро дирҳам ташкил медод, вале он аз сурбу мис буда, дар таркиби худ ҳеҷ нуқра надошт. Илова бар ин, ҳаҷму вазни ин қабил тангаҳо гуногун буда, барои муомила дар тарозу баркашида мешуд, ҳар яке ба таври ҷудогона арзише надошт, ки ин кори тиҷорати пулиро душвор мегардонид. Иброҳим ин пулҳоро бекор карда, дар Фарғона дирҳамҳои гирдаи нуқрагӣ ва мисиро ҷорӣ намуд: ин пулҳо ба таври ҷудогона ва донагӣ ба муомила даромада, барои пешрафти тиҷорати пулӣ шароити мусоид фароҳам оварданд.

Ин қабил тадбирот зулми феодалиро камтар накарда бошанд ҳам, вале пеши зиёд шудани онро гирифтанд. Инак, дар шароити давлати феодалӣ худи ҳамин ҳам як ҳодисаи прогрессивӣ ба шумор меравад.

Чунин сиёсати Иброҳими Тамғочхонро ду писар ва набераи ӯ Шамс-ул-мулк Наср, Хизр ва Аҳмад то як андоза давом доданд.

---

[33] Фикру ақидаи зоҳиран мураттаби О.Притсак (Pritsak O., 1950, с.227-228) доир ба Фарғонаи мустақил бо сарварии Муҳаммад ибни Наср, вақт ва тариқи таъсири ду давлати қарохонӣ – яке ғарбӣ, бо маркази Ӯзганд ва дигаре шарқӣ бо маркази Баласоғун комилан мухолифи факту далелҳост (ниг.: Давидович Е.А., 1968 б, с. 67–75).

[34] Бартолд В.В., 1963 б, с. 374–376.

[35] Давидович Е.А., 1968 б, с. 76.

Муносибати байни ин подшоҳони қарохонӣ ва рӯҳониён саҳифаи хеле ҷолиб ва ҳанӯз кам таҳқиқшудаи таърихи Осиёи Миёнаро ташкил менамояд. Ин масъаларо бояд ҳамчун қисмате аз сиёсати дохилии онҳо баррасӣ намуд. Манбаъҳо, ҳам Иброҳими Тамғочхон ва ҳам подшоҳони дигарро мусулмонони комил, мардони порсо номида, нисбат ба рӯҳониён ва хусусан баъзе намояндагони онҳо бо эҳтироми бузург муносибат доштани ононро хотирнишон намудаанд. Бо вуҷуди ин дар аҳди ҳукмронии ҳар яке аз ин подшоҳон маҳз бо рӯҳониён зиддиятҳои тундутезе ба амал омада, кор то ба қатлу куштор мерасид.

О.Г.Болшаков дарёфт, ки «табааҳои» аз тарафи Аҳмад таъқибдида ва ба мусодираи молу мулк маҳкумшуда табақаи болоии ҷамъияти феодалӣ буданд. Ин нуқта низ муҳим аст, ки ашрофи феодалии тоифаҳои бодиянишин ҳамроҳи рӯҳониён баромад мекарданд.[36]

Барои идеализатсияи муқаррарӣ ҳисоб кардани иддаои манбаъҳо роҷеъ ба шуҳрати зиёди баъзе аз ин хонҳо дар байни мардум ва ҳамчун подшоҳи одил ном баровардани онҳо ҳеҷ як асос мавҷуд нест.

Дар паси ин ҳама далелу мадракҳои пароканда сиёсати дохилии собитқадамонае намоён аст. Зоҳиран ин хонҳои қарохонӣ ба марказият додани давлати Қарохониёни Осиёи Миёна саъю кӯшиш доштанд. Табиист, ки дар ин кор душмани онҳо феодалони бодиянишин ва рӯҳониёни аз қувватгирии ҳокимияти хонӣ норозӣ буданд. Мусодираи молу мулк дар шароити чунин мубориза яке аз василаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф гардонидани душмани сиёсӣ ба шумор мерафт.

Агар Иброҳими Тамғочхон бо роҳи ишғол намудани баъзе вилоятҳо ҳудуди давлати худро васеътар карда бошад, ворисони ӯ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва ҳунари ҳарбӣ ба чизе муваффақ шуда натавонистанд. Ҳанӯз дар аҳди Шамс-ул-Мулк Наср онҳо ба фишори Қарохониёни шарқӣ дучор гардиданд. Фарғона аз даст рафт. Ҳудуди байни ду давлати Қарохониён аз болои Хуҷанд муқаррар шуд. Аз тарафи дигар, маҳз дар замони ҳукмронии ин подшоҳони қарохонӣ Салҷуқиён аввал ба ноҳияҳои ҷудогонаи канории давлати Қарохониён ва баъдтар ба Мовароуннаҳри Марказӣ тохтутози худро сар карданд.[37] Дар охири охирон, соли 1089 Маликшоҳи Салҷуқӣ Бухоро ва андаке дертар шаҳри пойтахтии Самарқандро забт намуд. Бо вуҷуди ин, Салҷуқиён сулолаи Қарохониёнро барҳам надоданд; онҳо бо он қаноат карданд, ки метавонанд ба кори онон мудохила кунанд ва хонҳоро аз байни аъзои сулолаи қарохонӣ худашон таъйин намоянд. Ягона низои ҷиддӣ соли 1130 дар миёни Арслонхони Қарохонӣ ва султон Санҷари Салҷуқӣ рӯй дод. Тақрибан 30 сол қабл аз ин, дар соли 1102 яке аз Қарохониёни шарқӣ Мовароуннаҳрро ба даст дароварда, ҳатто то ҳудуди мулки Салҷуқиён расид, аммо дар муҳорибаи зидди султон Санҷар кушта шуд. Пас аз ин султон Санҷар абераи Иброҳими Тамғочхон Муҳаммади Сонии Арслонхонро ба тахт нишонд. Муҳаммад қариб 30 сол ҳукмронӣ намуд ва бо фаъолияти бинокории худ шуҳрат ёфт. Ба вай мисли гузаштагонаш бо рӯҳониён мубориза бурдан лозим омад. Пас аз он ки дар натиҷаи суиқасди рӯҳониён писари валиаҳдаш ба

[36] ИТН, II, I, с. 239.
[37] Барои тафсили ин воқеаҳо ниг.: Бартолд В.В., 1963 б, с. 379 ва мобаъд.

қатл расид, ӯ барои кумак ба султон Санҷар муроҷиат намуд. Султон Санҷар бо қувваи зиёди аскарӣ ба Самарқанд омад, вале Арслонхон, ки худ душманонашро мағлуб карда буд, дигар ба кумак эҳтиёҷ надошт. Аз рӯйи шаҳодати баъзе сарчашмаҳо вай, ҳатто барои куштани Санҷар қотиле фиристод. Дар ҳар сурат Санҷар Самарқандро гирифта, Арслонхонро аз тахт фуровард ва дар оянда низ ононеро, ки фақат дар умури дохилӣ соҳибихтиёр буда, аз рӯйи садоқат ба ӯ итоат мекарданд, ба тахти хонӣ менишонд.

## Қарохониён ва қарахитоиҳо

Дар аввали чоряки дувуми асри XII мардуми сершумори кидонӣ Ҳафтрӯдро бо шаҳри Баласоғун ишғол намуда, империяи бузурги худро, ки то шимоли шарқии дарёи Енисей рафта мерасид, таъсис карданд. Сипас, онҳо тамоми мулкҳои боқимондаи Қарохониёни шарқиро тасарруф карда, ба Қарохониёни ғарбӣ, яъне мовароуннаҳрӣ таҳдид намуданд. Дар осори муаллифони мусулмон, ки воқеаҳои онвақта ва муваффақиятҳои сиёсии кидониро тавсиф кардаанд, ин мардум номи қарахитоиро гирифтааст.[38]

Соли 1137 Қарахитоиҳо дар наздикии Хуҷанд Маҳмуди Қарохониро торумор карданд. Маҳмуд дастнишондаи содиқи султон Санҷар буд. Ҳатто дар сиккаҳои худ номи ӯро ёд менамуд. Аммо ин бор султон Санҷар ба Маҳмуд дасти ёрӣ дароз карда натавонист, зеро худаш бо ҷанги Хоразм банд буд. Дуруст аст, ки қарахитоиҳо дар чунин маврид барои ғалаба аз фурсат истифода набурданд.

Вале чанд сол нагузашта қарахитоиҳо дар ҷанги сахти ҳалкунанда ба қӯшуни муттаҳидаи Маҳмуди Қарохонӣ ва султон Санҷари Салҷуқӣ чунон зарбае ворид оварданд, ки дар таърихи ин се сулола ба эътибори марҳилае аҳамият пайдо намуд. Ин ҳодиса 9 сентябри соли 1141 дар дашти Катвони назди Самарқанд ба вуқӯъ пайваст. Қӯшунҳои салҷуқиву қарохонӣ тамоман торумор гардиданд, Султон Санҷар ва Маҳмуд ақиб нишастанд. Қарахитоиҳо бошанд, Бухоро ва тамоми Мовароуннаҳри марказиро забт намуданд.

Таносуби қувваҳои сиёсии Осиёи Миёна тағйир ёфт. Қарахитоиҳо ҳам, мисли Салҷуқиҳо, сулолаи Қарохониёнро аз байн набурданд, балки ба вассали худ мубаддал карданд. Қарохониён мебоист ба Гӯрхон – сардори давлати Қарахитоиҳо хироҷ медоданд. Султон Санҷар бо ҷангҳои зидди Отсизи Хоразмшоҳ, ки пас аз муҳорибаи Катвон ва шикасти Санҷар хеле ғайрат пайдо карда буд, саргарм шуда, ҳатто мубориза бурдан бо Қарахитоиҳо ва барқарор кардани нуфузи пешинаи худро дар Мовароуннаҳр аз гӯшаи хаёл ҳам намегузаронид.

Қарахитоиҳо ба корҳои дохилии Қарохониён мудохила намекарданд. Баласоғун ҳамоно пойтахти онҳо ба шумор мерафт. Дар давлати Қарохониён чунин вазъият ба амал омад: пас аз муҳорибаи дашти Катвони Самарқанд чанд вақт мамлакатро бародари Маҳмуди Қарохонии фироркарда идора намуд, Фарғона бошад, дар дасти хонадони «Ҳасаниён», яъне Қарохониёни шарқӣ буд. Вале аз нимаи дувуми асри XII (соли 1156) хонадони фарғонии

[38] Дар бораи Қарахитоиҳо ва муносибати онҳо ба Қарохониён ниг.: Бартолд В.В., 1963 а, с. 48 ва мобаъд; 1963 б, с. 386 ва мобаъд.

Қарохониён Самарқандро ҳам ба итоати худ даровароанд. Аз ҳамин вақт, пас аз фосилаи дурударозе Мовароуннаҳр дубора ба ихтиёри шохаи шарқии Қарохониён гузашт, ки онҳо ду вилояти пурсарват – Мовароуннаҳри марказӣ ва Фарғонаро дар таҳти ҳокимияти худ муттаҳид намуда буданд. Аммо бояд қайд кард, ки Мовароуннаҳри марказӣ ва Фарғона дар нимаи дувуми асри XII ва ибтидои асри XIII амалан ҳамчун ду мулки калони мустақил дар дасти узвҳои гуногуни як хонадон боқӣ монданд. Маркази яке Самарқанд ва маркази дигаре Ӯзганд муттасил, бо ихтиёри худ ба таври фаровон пул мебароварданд, ҳар шаҳр ба номи ҳокими худ бо тамоми унвону лақабҳояш сикка мезад. Ба ҳар ҳол Самарқанд пойтахти тамоми давлат низ ҳисоб мешуд ва ҳокими он исман сардори сулола ба шумор мерафт. Ин ифодаи худро дар он меёфт, ки унвону лақабҳои ҳокимони Самарқанд аз ҳокимони Фарғона баландтар буд.[39]

Ғайр аз ин, дар ин вақт ҳам, амлокдорони хурди вассалмақом низ вуҷуд доштанд, вале онҳо дигар вазни сиёсии дар асри XI доштаи худро аз даст дода буданд. Дар ин бора нисбат ба асри XI хеле кам шудани сиккаҳо дар асрҳои XII ва ибтидои XIII, ки ба номи амлокдорони хурд бароварда мешуданд, шаҳодат медиҳад. Фақат садрҳои Бухоро мақоми махсусе доштанд. Онҳо як навъ хонадони намояндагони рӯҳониёни олирутба маҳсуб меёфтанд. Лақаби онҳо ҳам «садри ҷаҳон» буд, аввалҳо вазифаи олии рӯҳонии шаҳрро адо мекарданд, вале баъдтар ба умури идора низ бештар дахолат мекардагӣ шуданд. Бонуфузтарини онҳо на фақат дар асл Бухороро идора мекарданд, балки ҳатто зоҳиран ҳам мансаби ҳокими шаҳрро гирифта буданд. Муносибати онҳо бо Қарохониёни Самарқанд ниҳоят мураккаб буд. Садрҳо ҳокимияти олии онҳоро эътироф карда, сиккаҳоро ба номи онҳо мезаданд. Гоҳо ҳокимияти Бухоро тамоман ба дасти Қарохониён мегузашт, гоҳо баръакс, садрҳо соҳибихтиёр шуда, худашон ба Қарахитоиҳо хироҷ мегундоштанд. Онҳо, ки бе ин ҳам барои афзудаии сарвати худ аз роҳу воситаҳои гуногун ба таври фаровон истифода мебурданд, бо баҳонаи хироҷғундорӣ боз ҳам зиёдтар ғанимат ба даст меоварданд.

## Хоразм ва давлати Салҷуқӣ

Ғалабаи Қарахитоиҳо дар соли 1141 Салҷуқиёнро хеле заиф гардонид.

Дигар аз воқеаҳои қобили диққате, ки дар ин давра ба амал омада, яке аз омилҳои рӯ ба суқут ниҳодани давлати салҷуқӣ гардид, ҳамчун маркази сиёсӣ сар бардоштани Хоразм буд.

Сарсулолаи хонадони хоразмшоҳӣ Ануштегин ҳанӯз дар замони Маликшоҳи Салҷуқӣ ба воситаи хидмат ва лаёқате, ки аз худ нишон дода буд, ҳокими Хоразм таъйин гардид. Баъд аз вафоти Ануштегин ҳукмронии Хоразм ба тариқи мерос ба писари ӯ – Қутбиддин Муҳаммад (1097–1127) расид. Қутбиддин Муҳаммад лақаби «Хоразмшоҳ»-ро гирифта, дар тамоми давраи ҳукмронии худ аз фармонбардортарин ҳокимони султон Санҷар ҳисоб мешуд.

---

[39] Дар бораи Фарғона ва Мовароуннаҳри нимаи дувуми асри XII, хронология ва генеалогияи сардорони сулола (ҳокимони Самарқанд) ва мулкдорони Фарғона ниг.: Давидович Е. А., 1957, б, с. 108–119.

Баъд аз сари ӯ ҳукумати Хоразм ба писараш – Отсиз (1127–1156) гузашт, ки ин шахсро мумкин аст асосгузори ҳақиқии давлати бузурги Хоразмшоҳӣ номид. Отсиз ва ворисони ӯ аз ҳар як лаҳзаи мувофиқ истифода бурда, тамоми саъю эҳтимоми худро ба харҷ доданд, ки ба муқобили давлати салҷуқӣ истиқлолияти Хоразмро таъмин намоянд. Отсиз дар солҳои аввали ҳукмронии худ ба султон Санҷар сари итоат фуруд оварда, дар лашкаркашиҳои ӯ иштирок мекард. Аммо, вай дар айни замон, бо роҳи мутеъ кардани қабилаҳои ҳамсоя беш аз пеш қувват мегирифт. Ба ӯ муяссар гардид, ҳатто он маҳалҳоеро, ки дар ҳаёти бодиянишинӣ хеле аҳамият доштанд, аз ҷумла заминҳои поини дарёи Сир ва нимҷазираи Манқишлоқро ишғол намояд.

Отсиз пас аз ин тариқа мустаҳкам кардани мавқеи худ се мартаба (1138, 1141 – 1142 ва 1147 – 1148) бар зидди султон Санҷар сар бардошт, аммо муваффақият ба даст оварда натавонист. Ниҳоят, дар моҳи июни соли 1148 Отсиз ба пеши султон Санҷар ҳозир шуда, комилан фармонбардори давлати салҷуқӣ будани худро шахсан арз кард. Баъд аз ин Отсиз, агарчанде то охири умри худ аз итоати Салҷуқиён сар напечид, лекин дар ҳар сурат барои истиқлолияти Хоразм ва таъсиси давлати бузурги ояндаи Хоразмшоҳиён заминаҳои мусоид ҳозир карда тавонист (аз ҳамон вақт, яъне аз миёнаҳои асри XII ҳокимияти Салҷуқиён дар Хоразм мавҷудияти худро фақат исман нигоҳ дошт).[40]

Дар аввалҳои нимаи дувуми асри XII дар Мовароуннаҳр ва навоҳии шимоли Афғонистони кунунӣ воқеаи дигаре рӯй дода, бештар боиси аз байн рафтани давлати салҷуқӣ гардид. Дар соли 1153 туркони ғуз (оғузҳо), ки дар навоҳии Балх бодиянишинӣ мекарданд, ба муқобили султон Санҷар шӯриш бардоштанд. Сабабгори шӯриш ноинсофиҳои аз ҳад гузарои ҷамъкунандагони хироҷ буд. Пас аз ин ғузҳои бодиянишин ба ноҳияҳои ободи зироатӣ ҳуҷум оварданд. Султон Санҷар барои саркӯбии ғузҳо лашкар кашид, лекин шикаст хӯрда, худ ба дасти онҳо асир афтод. Пас аз ин, бодиянишинон дар воҳаҳои зироатии Хуросон ва қисмати ҷануби шарқии Мовароуннаҳр ба тохтутози худ бемонеа давом намуданд.

Султон Санҷар пас аз се соли асорат, дар соли 1156 халосӣ ёфта, ба пойтахти худ – шаҳри Марв омад. Лекин дере нагузашта пас аз як сол вафот кард ва бо ин сурати зоҳирии давлати марказият пайдокардаи салҷуқӣ низ аз миён рафт. Осиёи Сағир ва Кирмон ҳанӯз дар вақти Султон Санҷар истиқлолият гирифта буданд. Баъд аз фавти ӯ дар Форс ва Озарбойҷон низ мулкҳои ҷудогонаи мустақил ба вуҷуд омаданд. Хуросон аз таҳти тасарруфи Салҷуқиён баромад. Халифа низ дар маркази хилофат – шаҳри Бағдод мавқеи пешинаи худро барқарор кард.

Ин вазъият барои таҳкими истиқлолияти Хоразм хеле мадад расонид. Писар ва ворисі Отсиз Эларслон (1156–1172) аз ин фурсат истифода бурда, ба муборизаи байни қӯшуни қабилаи туркии қарлуқ ва хонҳои қарохонии Мовароуннаҳр, ки итоати Қарахитоиҳоро қабул карда буданд, мудохила намуд.

---

[40] Таҳқиқи муфассали таърихи давлати Хоразмшоҳиёнро В.В. Бартолд анҷом дод (1963 б); инчунин ниг.: Kafesoglu I., 1956.

Эларслон дар ин мубориза қарлуқҳоро ҳимоя кард. Дар соли 1158 ӯ бо лашкари Хоразм ба хоки Мовароуннаҳр дохил шуда, дар муҳорибае, ки қарлуқҳо барои Самарқанд ва Бухоро мебурданд, иштирок намуд. Баъдтар ӯ бар зидди ғузҳои Хуросон мубориза бурда, баъзе муваффақиятҳо ба даст даровард. Дар соли 1165 вай ба сӯйи Нишопур лашкар кашида, хост ин шаҳрро забт намояд, аммо ба мақсади худ расида натавониста, ба Хоразм баргашт.

Албатта, дар чунин шароити ихтилофоти муттасили дохилӣ дар бораи аз Мовароуннаҳр рондани Қарахитоиҳо ҳатто фикр кардан ҳам мумкин набуд. Ғайр аз ин, ба Эларслон лозим меомад, ки барои ҳимояи қаламрави аслии худ тадбироти зарурӣ бубинад. Дар ҳақиқат, Қарахитоиҳо бо баҳонаи ин ки Эларслон боҷи мамлакатро дар вақти худ намефиристонад, дар соли 1171–1172 ба Хоразм лашкар кашиданд. Эларслон фақат ба воситаи вайрон кардани садди дарёи Сир тавонист пойтахти худро аз ҳуҷуми Қарахитоиҳо муҳофизат намояд.

Дар соли 1172 Эларслон вафот кард ва писари кӯчаки ӯ Султоншоҳ бо ёрии модари худ ба тахти салтанати хоразмшоҳӣ нишаст. Писари бузурги Эларслон – Алоуддини Текеш, ки ҳокими яке аз вилоятҳои Хоразм буд, аз ин воқеа хабардор гардида, барои ғасб намудани ҳокимият камар баст ва дар ин кор аз қарахитоиҳо мадад хост. Вай ба ивази ин пардохтани хироҷи ҳарсолаи мамлакати Хоразмро бо Қарахитоиҳо ваъда дод. Текеш дар худи ҳамон сол бо кумаки Қарахитоиҳо Хоразмро ишғол намуд. Султоншоҳ фирор карда, наҷот ёфт.

Алоуддин Текеш (1172–1200), пас аз он ки ҳукмронии Хоразмро ба дасти худ гирифта, андаке мавқеашро мустаҳкам намуд, фавран, бар зидди Қарахитоиҳо сар бардошта, элчии онҳоро, ки барои ҷамъ кардани хироҷ ба Хоразм омада буд, ба қатл расонид. Вақте ки Султоншоҳ аз ин ҳаракати бародари худ воқиф гардид, дарҳол ба пеши Қарахитоиҳо рафта, хоҳиш намуд, ки дар мубориза барои сарнагун кардани Текеш ба вай кумак расонанд.

Қарахитоиҳо, ки чанд сол қабл аз ин бо Султоншоҳ муносибати дуруст надоштанд, бо тамаи гирифтани боҷи Хоразм хоҳиши ӯро қабул намуда, бар зидди Текеш лашкар кашиданд. Вале ин дафъа амалиёти ҳарбии онҳо муваффақият пайдо накард: аз як тараф, Текеш роҳҳоро ба зери об мононда ҳаракати қӯшуни Қарахитоиҳоро хеле ба душворӣ андохт; аз тарафи дигар, тадбири Султоншоҳ ва Қарахитоиҳо, ки аҳолии Хоразмро ба муқобили Текеш шӯронидан буд, низ натиҷае набахшид. Баъд аз ин бемуваффақиятӣ Қарахитоиҳо маҷбур шуданд, ки ба пойтахти худ пас гарданд. Ҳангоме ки Султоншоҳ вазъиятро чунин дид, аз Қарахитоиҳо хоҳиш кард, ки як дастаи аскарӣ ба ихтиёри ӯ гузоранд. Ин хоҳиши ӯ низ қабул шуд. Вай бо ин дастаи аскарӣ ба тарафи Хуросон ҳаракат намуд ва қувваҳои ҳарбии ғузҳои бодиянишинро шикаст дода, Марвро ишғол кард ва баъд аз чанде Сарахс ва Тӯсро низ ба зери дасти худ гирифт.

Текеш пас аз ҳуҷуми бесамари Қарахитоиҳо ҳокимияти худро хеле мустаҳкам кард. Ӯ ба Мовароуннаҳр ва Хуросон чанд дафъа бомуваффақият лашкар кашида, шаҳру деҳаҳои зиёдеро забт намуд. Дар моҳи июни соли 1187 Нишопурро ишғол кард ва дар соли 1193, пас аз марги Султоншоҳ, Марвро ҳам ба тасарруфи худ даровард.

Тақрибан дар худи ҳамин вақт Текеш имконият ёфт, ки ба ҳаёти сиёсии баъзе ноҳияҳои Эрон низ мудохила намояд. Султони салҷуқӣ Туғрали Сонӣ мехост, ки умури идораи давлатро комилан ба дасти худ гирифта, ба ихтиёри халифа фақат корҳои диниро вогузорад. Албатта, халифаи аббосӣ – Носир (1180–1225) ба ин розӣ намешуд. Ин буд, ки дар байни султон ва халифа муборизаи шадиде ба амал омад ва халифа аз Текеш кумак хост. Текеш низ мавқеъро аз даст надода, бар зидди Туғрали Салҷуқӣ лашкар кашид ва дар моҳи марти соли 1194 ба қувваҳои ҳарбии ӯ зарбаи муҳлик ворид оварда, Ҳамадонро ишғол кард. Аббосиён ба зудӣ огоҳ шуданд, ки Хоразмшоҳ барои хилофати араб аз султони салҷуқӣ хавфноктар аст. Аз ин сабаб халифа Носир ба воситаи вазири худ ба Текеш хабар расонид, ки расму ташрифоти дарбории маркази хилофатро ба ҷо орад. Ин таклиф ҳаминро ифода мекард, ки Текеш чи дар умури идораи ҳукумат ва чи дар корҳои динӣ бояд итоати халифаи аббосиро қабул намояд. Текеш аз ин ниҳоятдараҷа дар ғазаб шуда, вазири халифаро бо суханҳои дурушт баргардонид.

Дар моҳи июни соли 1196 дар байни аскарони Хоразмшоҳ ва қувваҳои ҳарбии халифа муҳорибаи сахт руй дода, бо ғалабаи Хоразмиён анҷом ёфт. Аммо халифа ба мағлубияти худ нигоҳ накарда, аз Текеш талаб намуд, ки қӯшуни худро аз навоҳии ғарбии Эрон берун бурда, ба Хоразм ақиб нишинад. Текеш дар ҷавоб ба халифа чунин изҳор кард, ки оидоти мамлакатҳои ишғолкардааш ба таъминоти қувваи бузурги ҳарбии вай кифоят намекунанд, аз ин сабаб халифа бояд илова бар ин мамлакатҳо боз баъзе вилоятҳоро ба ихтиёри ӯ супорад. Ба ин ҳам қаноат накарда Текеш аз халифа талаб кард, ки дар Бағдод хутбаро ба номи ӯ хонанд. Муборизаи байни халифа ва Хоразмшоҳ хеле тӯл кашид.

Оре, дуруст аст, ки дар замони ҳукмронии Текеш давлати Хоразмшоҳиён ба иқтидори бузурге соҳиб гардид. Лекин, дар айни ҳол, мубориза бо хилофат пояҳои ин давлатро беш аз пеш суст кард. Халифаи аббосӣ дар ҷараёни ин мубориза тавонист аз нуфуз ва эътибори рӯҳониёни ислом ба манфиатҳои худ истифода намояд. Текеш дар навбати худ кӯшиш намуд, ки ба қӯшун такя кунад. Ӯ барои бомуваффақият иҷро гардидани иқдомоти ҳарбии худ сардорони лашкарро ба дараҷаҳо тақсим намуда, як гурӯҳи пурқуввати ашрофи низомӣ ба вуҷуд овард. Лекин ин ҳама саъю кӯшишҳои Текеш натиҷае набахшиданд, вай дар дохили мамлакат такягоҳи мустаҳкаме пайдо карда натавонист.

Муншии Текеш – Баҳруддин Муҳаммади Бағдодӣ дар «Ат-тавассул ило-т-тарассул» ном асари худ, ки то замони мо расидааст, манзараи иҷтимоӣ ва таркиби миллии нуфуси вилояти Сирдарёро то ибтидои асри XIII тасвир намудааст. Дар байни баъзе ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар ин асар оварда шудаанд, як дастури Текеш бо қоиммақоми Ҷанд низ мавҷуд аст. Хоразмшоҳ дар ин дастури худ ба қоиммақом амр менамояд бо табақаҳои мухталифи аҳолӣ, ки ӯ мураттабан зикр намудааст, муносибати дуруст барқарор кунад:

1. Сайидҳо (ашхоси мансуб ба авлоди Муҳаммад Пайғамбар) – «ӯ (қоиммақом) танзими манофеи ононро бар тибқи адолат ва дараҷаи қудсияти эшон бояд ҳамчун давлати зиёда эътироф намояд... ва, бигзор, ӯ коре кунад, ки онон аз рӯйи ниёз ба чизе рӯ наёранд».

2. Имомҳо ва уламо – «бигзор, ӯ ба эшон бахшишҳо диҳад ва хайру эҳсон намояд, то шоду мамнун бошанд» ва дар умури давлат такя ва фатво созад.

3. Қозиҳо ва ҳокимон – аз онҳо бояд ҳукми одилона талаб кард, «вале мусаллам аст, ки набояд онҳо тобиши шаъни қозиро хира гардонанд».

4. Сӯфиён ва пайравони онҳо – бояд ба эшон бахшишҳо дод, «то битавонанд бо хотири ҷамъ баҳри салтанати зафарманди мо машғули ибодат бошанд».

5. Оқсаққолҳои бонуфуз – онҳоро бояд ҳимоят кард.

6. Амалдорон ва ҳарбиёни мутеи қоиммақом – бидуни мудохила «ба баҳсу мунозира ва ҷангу низоъҳои байнихудии эшон» бар онҳо бояд ҳукмравӣ намуд ва барои дар вақти худ расидани муздашон назорат кард, то ки онҳо ба ситонидан аз аҳолӣ эҳтиёҷ пайдо накунанд».

7. Ғозиён – назорати аҳолиро ба онҳо вогузошта, ононро аз ҳар ҷиҳат бояд пуштибонӣ намуд.

Ин номбарӣ ба кадом гурӯҳҳои истисморкунанда майли такя кардан доштани Хоразмшоҳиёнро нишон медиҳад.

Дар ин асар роҷеъ ба барзгарон ва заминдорон ва ҳам дар хусуси пешаварон ва «аҳли бозор» дастурот дода, азбаски «бо заҳмати онҳо воситаҳои моддии қӯшун таъмин мегардад», ба онҳо таваҷҷуҳи лозима намудан тавсия карда мешавад. Сипас, лузуми ҳимоят намудани тоҷирон, ки «қосиди маҷҷонӣ ва восифи шаҳриёр» мебошанд, қайд гардидааст. Ғайр аз ин, зарурати муносибати мусовӣ кардан бо туркон ва тоҷикон ба таври махсус таъкид ёфтааст.

Дар хотима аҳолӣ даъват мешаванд, ки қоиммақоми навро бо шодмонӣ пешвоз гиранд: «Бигзор, онҳо ба ӯ молиёти соли ояндаро ба ҳаҷми яксавуми андози ҷамъшуда комилан бипардозанд, бигзор, аз шикояти беасос нисбат ба ӯ, ки арзкунандагон гӯё аз ӯ зулм медида бошанд, худдорӣ намоянд ва бигзор, ба амри мо ва фармони ӯ, яъне қоиммақом, итоат кунанд».

Ин ҳуҷҷат гувоҳӣ медиҳад, ки дар асри XIII қисмати умдаи аҳолии атрофи Хоразм (дар сурати бартарӣ доштани унсури туркизабон) аз тоҷикон иборат будаанд. Қимати асосии он дар ин аст, ки силсилаи маротиби онвақтаи феодалӣ дар он хеле равшан тасвир шудааст.[41]

Пас аз марги Текеш писари ӯ – Муҳаммад (1200–1220) ба тахти хоразмшоҳӣ нишаст. Дар соли 1203 султон Муҳаммад бо пуштибонии Қарахитоиҳо Хуросонро тамоман ба даст даровард. Вай Ҳирот ва гирду атрофи онро низ ба худ тобеъ намуда, дар соли 1207 ба пойтахти худ баргашт. Муҳаммади Хоразмшоҳ, пас аз он ки аз кори Хуросон хотирҷамъ шуд, дар фикри забт кардани Мовароуннаҳр ва барҳам додани ҳукмронии Қарахитоиҳо афтод. Дар худи ҳамон соли 1207 ӯ бо баҳонаи фурӯ нишондани шӯриши аҳолии шаҳри Бухоро, ки бар зидди садрҳо бардошта буданд, бо қӯшуни пуршуморе ҳаракат карда, бо ҳамин васила ба тасарруфи Мовароуннаҳр оғоз намуд.

---

[41] Тавсифи муфассали ин асар (бо баёни ҷузъии мазмуни он) ниг.: Семёнов А.А., 1952, с. 17.

## Шӯриши Санҷар. Истилои давлати Қарохонӣ аз тарафи Муҳаммади Хоразмшоҳ

Чунонки қайд карда шуд, ҳанӯз дар нимаи аввали асри XII дар Бухоро хонаводаи олинасаб – намояндагони рӯҳониёни дараҷаи олии ислом, ки унвони «Садри ҷаҳон»-ро гирифта буданд, нуфузи калоне пайдо намуданд. Ғайр аз миқдори зиёди заминҳои вақф, ба дасти рӯҳониён гузаштани даромади муассисаҳои тиҷоратӣ, бозор, андози заминҳои зироатии гирду атрофи шаҳр, ҳамчунин молиёти пешаварон ва тоҷирон сарвати садрҳоро хеле афзуд. То чӣ андоза сарватманд шудани садрҳои Бухороро аз ҳамин ҷо ҳам донистан мумкин аст, ки яке аз садрҳо Муҳаммад ибни Аҳмад бо оидоти худ метавонист 600 нафар фақеҳро нигоҳдорӣ кунад. Ҳангоме ки ӯ ба Макка сафар намуд, барои таъминоти роҳ зиёда аз сад уштур бор ҳамроҳи худ бурд. Вале ӯ дар ивази ҳирсу оз ва рафтори ноқобиле, ки дошт, лақаби «садри ҷаҳаннам»-ро гирифта буд.

Сарвати садрҳои Бухоро сарчашмаи дигаре низ дошт. Онҳо бо баҳонаи ба гӯрхонҳои қарахитоӣ пардохтани хироҷи солиёнаи мамлакат халқи заҳматкашро бераҳмона истисмор ва бо ҳар васила ғорат мекарданд. Зимнан, қисмати зиёди сарвате, ки ба ин тариқа ҷамъоварӣ мешуд, ба худи садрҳо мерасид.

Албатта, ҳамаи ин беадолатӣ ва ғоратгариҳо ҳисси нафрат ва адовати оммаи васеъро нисбат ба садрҳо ба вуҷуд наёварда натавонист. Дар соли 1206 аҳолии Бухоро бо роҳбарии Санҷар ном устои сипарсоз бар зидди ҳукумати садрҳо қиём намуданд.

Қувваи асосии шӯриши Санҷарро пешаварони шаҳр ташкил мекарданд. Сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи чӣ гуна сар задани шӯриш ва вусъати минбаъдаи вай маълумоти хеле кам медиҳанд. Мо дар хусуси он ки шӯришчиён пас аз ғалаба чанд вақт шаҳрро дар дасти худ нигоҳ доштанд ва кори ташкилии онҳо чӣ гуна ба роҳ монда шуда буд, чизе намедонем. Фақат ҳамин қадар маълум аст, ки Санҷар баъд аз ишғол кардани шаҳр, чӣ навъе ки вақоеънигорони дарбор менависанд, одамони номдор, яъне ашрофи феодалиро хеле «таҳқир» кард. Садрҳо бо як ҳолати ифтизоҳомез аз шаҳр ронда шуда, молу мулки онҳо ба дасти шӯришиён даромад.

Садрҳои рондашуда аз Қарахитоиҳо мадад хостанд.

Дар чунин вазъият Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки барои аз Қарахитоиҳо гирифтани Мовароуннаҳр фурсат меҷуст, воқеаи Бухороро барои иҷрои нақшаҳои худ мавқеи мусоид дарёфта, бо қувваи бузурги ҳарбӣ ба сӯйи Бухоро ҳаракат намуд. Шӯришиён, ки барои мудофиаи шаҳр ҳеҷ як чораҷӯӣ надида ва, ҳатто бо барзгарони ободиҳои атроф муттаҳид нагардида буданд, ҳамлаи қувваҳои ҳарбии Хоразмшоҳро дафъ карда натавонистанд. Дар соли 1207 султон Муҳаммад қабл аз он ки Қарахитоиҳо ба Бухоро расанд, шаҳрро забт намуд. Садрҳои Бухоро ҳокимияти худро аз нав барқарор карда, мутеи Муҳаммади Хоразмшоҳ гардиданд. Тасарруфи шаҳри Бухоро фақат муқаддимаи мақсади ба пеш гузоштаи султон Муҳаммад буд. Барои тамоман тобеъ намудани Мовароуннаҳр ба ӯ лозим меомад, ки аз байни ҳокимони худи ин сарзамин муттафиқ пайдо кунад.

Дар сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба воқеаҳои ин давра маълумоти эиёде мавҷуд аст. Вале фикрҳо аксаран мухолифи якдигаранд.[42] Барои равшан кардани бисёр масъалаҳо, ҳолатҳо ва таърихи воқеаҳо маҳз мадракҳои сиккашиносӣ кумак мерасонанд.[43]

Ҳокими Самарқанд ва сарсулолаи исмии Қарохониён – Усмон ибни Иброҳим буда, дар Фарғона бародари ӯ – Қадархон ҳукмронӣ мекард. Усмон дар ҳудуди асрҳои XII–XIII ба тахти падар нишаста, пас аз чанде унвони дабдабаноки «султони бузурги султонон»-ро қабул намуд. Вазъияти ӯ дар байни Муҳаммади Хоразмшоҳ ва Қарахитоиҳо чунон буд, ки гӯё дар «миёни обу оташ» қарор гирифта бошад. Вале ӯ то як муддат хеле моҳирона аз ин вазъият берун меомад. Чунин ба назар мерасад, ки Муҳаммади Хоразмшоҳ, дар аввалҳо фикри барҳам додани сулолаи Қарохониёнро надошт, ӯ фақат дар рафти мубориза бо Қарахитоиҳо сиёсати худро дар ин бобат тағйир дод. Муносибати байни Қарохониён ва Муҳаммади Хоразмшоҳро метавон ба се марҳила ҷудо кард: аввал муносибати муттафиқона, сонӣ муносибати тобеият ва, ниҳоят, таъқиб ва нест кардани ҳокимони Қарохонӣ.

Пас аз забти Бухоро Муҳаммади Хоразмшоҳ бо Усмони Самарқандӣ, бе он ки ба мулки ӯ даъвое кунад, иттиҳод баст. Усмон мисли пештара ба номи худ бо ҳамон унвону лақабҳое, ки ҳатто аз унвонҳои Муҳаммади Хоразмшоҳ дабдабаноктар буд, сикка задан гирифт.

Дар ҳамин вақт иттифоқчиён, яъне Муҳаммади Хоразмшоҳ ва Усмон аз Қарахитоиҳо шикаст хӯрданд. Муҳаммади Хоразмшоҳ маҷбур шуд ба мамлакати худ баргардад, Усмон бошад, дубора бо Қарахитоиҳо наздик шуда, духтари худи Гӯрхонро ба занӣ хост. Аммо ҷавоби рад гирифта, боз ба тарафи Муҳаммади Хоразмшоҳ майл намуд, вале ин бор на ба сифати иттифоқчӣ, балки ҳамчун шахси мутеъ пазируфта шуд. Ин буд, ки Усмон дар соли 1209/10 сиккаро ба ду ном зарб кард: дар як тарафи сикка ном ва унвони Муҳаммади Хоразмшоҳ ва дар тарафи дигари он номи худро сабт намуд.

Ин хиёнати Усмон Гӯрхонро ба хашм оварда, боиси ба Самарқанд ҳамла овардани ӯ гардид. Қарахитоиҳо Самарқандро гирифта ва як миқдор боҷ ситонида, аммо ба сабаби нооромиҳои ҷиддии дар шарқи мамлакати худ баамаломада маҷбур шуданд, ки шаҳрро тарк карда, пас гарданд.

Яке аз сабабҳое, ки то як андоза барои муваффақият пайдо кардани Муҳаммади Хоразмшоҳ имконият ба вуҷуд овард, мавриди ҳуҷуми қабилаи найманҳои муғул қарор гирифтани давлати қарахитоӣ буд. Найманҳо ҳатто хазинаи Гӯрхонро ғорат карданд. Усмон ин нокомӣ ва нобароріҳои кори Қарахитоиҳоро дида, аз сари нав ба тарафи Муҳаммади Хоразмшоҳ гузашта, боз ба ду ном сикка зад ва ба ин васила тобеияти худро тасдиқ намуд. Муҳаммади Хоразмшоҳ мустаҳкам кардани садди мудофиаи Самарқандро фармуда ва дар назди Усмон намояндаи худро гузошта, худ ба қувваи аскар ба тарафи шарқ равона шуд ва дар муҳорибаи водии Талас бар қӯшуни Қарахитоиҳо ғолиб омада, сипаҳсолори ононро асир намуд.

Агарчанде ин муҳориба тақдири Қарахитоиҳоро ба куллӣ ҳал накард, вале дар айни ҳол обрӯ ва эътибори Муҳаммади Хоразмшоҳро хеле зиёд намуд. Пас

---

[42] Бартолд В.В., 1963 а, с. 420 ва мобаъд.
[43] Давидович Е.А., 1957, б, с. 93–108.

аз ин номи ӯро дар ҳуҷҷатҳои расмӣ бо унвони «Искандари дувум» ё худ «Султон Санҷар»[44] ёд карданд.

Муҳаммади Хоразмшоҳ аз ин ҷиҳат ҳам Мовароуннаҳрро ба осонӣ фатҳ намуд, ки аҳолии ин сарзамин умедвор буданд, пас аз ронда шудани Қарахитоиҳои «бутпараст» ва истиқрор ёфтани ҳокимияти Хоразмшоҳиёни ҳамдин вазъияти онҳо беҳтар хоҳад гардид. Ин умедвории халқро султон Муҳаммад дар роҳи расидан ба мақсади худ хеле хуб истифода намуд. Ҳангоме ки ӯ дар соли 1207 Бухороро ишғол кард, зоҳиран, ба аскарони худ фармон дод, ки ба аҳолӣ ҳеҷ гуна ҷавру зулм накунанд. Ҳатто роҳбари шӯришиён – Малик Санҷар, ки бар зидди садрҳо ва Гӯрхони қарахитоӣ баромада буд, низ дар аввал саломат монда, фақат пас аз чанд вақт ба дарёи Аму ғарқ карда шуд.

Вале аҳолии Мовароуннаҳр ба зудӣ тамоми сахтиҳои ҳокимияти хоразмшоҳи «мусулмон»-ро ҳис карданд. Усмон, пас аз он ки Муҳаммади Хоразмшоҳ бар Қарахитоиҳо ғалаба кард, ба духтари Муҳаммад хонадор шуда, як соли тамом дар Хоразм монд. Сипас ӯ ба Самарқанд баргашта, аз алами тобеият ба хоразмиҳо ва маҳрумият аз истиқлол боз ба Қарахитоиҳо гуфтугузор сар кард. Ба ин тариқа, ӯ аз сиёсати пешинаи худ, ки ба тарафи зӯру тавоно майл кардан буд, ин дафъа рӯ гардонид. Ин дафъа манфиати ҳокими қарохонӣ ба манфиати халқ мувофиқат намуд: зулму истибдоди хоразмиҳо дар муборизаи умумӣ онҳоро ба ҳам муттаҳид сохт.

Ҷабру зулми ҳокими дар Самарқанд гузоштаи Муҳаммади Хоразмшоҳ то дараҷае сахт буд, ки халқи шаҳр тоқат наёварда, дар соли 1212 ба муқобили ин ситамгарони нав шӯриш карданд. Онҳо медонистанд, ки барои мубориза бурдан бо Муҳаммади Хоразмшоҳ қувваи кофӣ надоранд, бинобар ин Қарахитоиҳоро ба ёрӣ даъват намуданд. Лекин Муҳаммади Хоразмшоҳ аз ин ҳодиса хабардор гардида, фавран ба Самарқанд омад ва шӯришро дар як сурати бераҳмона фурӯ нишонд. Қатлу ғорати аҳолии шаҳр се рӯз давом кард. Дар натиҷаи ин ваҳшоният ҳазорон одамони бегуноҳ нобуд шуданд. Усмон ҳам кушта шуд.

Султон Муҳаммад, пас аз он ки ба аҳолии саркаши Самарқанд чунин рафтор кард, ин шаҳрро ба иқоматгоҳи худ табдил дода, дар он ҷо ба сохтани масҷид ва қасри подшоҳӣ шурӯъ намуд. Вай барои мустаҳкам гардидани мавқеи худ дар Мовароуннаҳр фармуд, ки дар вилоятҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна ҳокимони қарохониро ба қатл расонанд.

Ӯ Фарғонаро, ки бародари Усмон Қодирхон ҳукмронӣ мекард, низ ишғол намуд. Пас аз ин ҳам дар соли 1213 дар Ӯзганд – пойтахти калонтарин мулки Қарохониён ва дар Самарқанд – пойтахти давлати қарохонӣ сикка ба номи Муҳаммади Хоразмшоҳ зада шуд, ки ин маънии тамоман аз байн рафтани сулолаи Қарохониёнро дошт.

Ба мавҷудияти сулолаи Қарахитоиҳо сардори найманҳои бодиянишин – Кучлук хотима гузошт. Кучлуки найман душмани муқтадире буд, вале фикру зикри Хоразмшоҳи ҷоҳталаб ва шуҳратпараст ба мулкҳои ҳамсояи ҷануб ва ғарби худ банд буд, ӯ орзу дошт, сарзаминҳои Афғонистон ва Эронро забт намуда, бо худи халифа ситезаҷӯӣ кунад. Чун вай дар худ иқтидори дар ду

[44] Искандари Мақдунӣ ва охирин намояндаи маъруфи силсилаи салҷуқӣ султон Санҷар дар назар дошта мешавад.

ҷабҳа ҷангиданро намедид, аз тарси он ки Кучлуки найман ба истилои вилоятҳои шимолу шарқи давлати ӯ саъй хоҳад кард, аҳолии Шош, Исфиҷоб ва як қисми Фарғонаро ба маҳалҳои дигар кӯчонида, амр намуд, ки ин ноҳияҳоро холӣ гузоранд.

Дар айни замон Муҳаммади Хоразмшоҳ Эрон ва Афғонистонро ба таҳти тасарруфи худ даровarда, аз халифа талаб намуд, ки умури идораи Бағдодро ҳам ба ихтиёри ӯ вогузорад. Вале ӯ ба ин ҳам қаноат накарда, умуман аз тахти хилофат маъзул гардидани халифаро эълон намуда, ба ҷойи вай Саид Алоулмулки Тирмизиро халифа хонд ва соли 1217 ба тарафи Бағдод лашкар кашид. Вале аз ин барояш чизе ҳосил нашуд. Дигар маълумот ва ахбори сарчашмаҳо доир ба муносибати байни халифа ва султон ихтилофоти зиёде доранд. Баъзе сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки султон Муҳаммад халифаро мурда эълон карда, тақрибан дар тамоми шаҳрҳои мамлакати худ аз хутба номи ӯро баровард. Қисми дигари сарчашмаҳо, баръакс, бо халифа роҳи муросо ва мусолимат ҷустани Хоразмшоҳро таъкид мекунанд. Муаррихон бештар тарафдори фикри дувум мебошанд.[45] Аммо мадракҳои сиккашиносӣ нишон медиҳанд, ки фикри аввал ба ҳақиқат наздиктар аст: ҳам пеш аз лашкар кашидани Муҳаммади Хоразмшоҳ ба Бағдод ва ҳам пас аз он номи халифа дар сиккаҳои баъзе шаҳрҳо ёд шудааст ва дар сиккаҳои баъзеи дигар шаҳрҳо не.[46] Аз ин ҷиҳат сиккаҳои Тирмиз – зодгоҳи Алоулмулк хеле ҷолиби диққат аст: дар ин ҷо баъди халифа эълон шудани Алоулмулк ва пас аз юриши Бағдод номи халифаи «маъзул» дар сиккаҳо дида намешавад (ҳол он ки пештар мавҷуд буд), вале номи Алоулмулки Тирмизӣ ҳам дар ягон сикка сабт нагардидааст. Обрӯю эътибори халифаи Бағдод дар байни мусулмонон ниҳоятдараҷа баланд буд. Бинобар ин султон Муҳаммад дар сиёсати худ собитқадамона ва то охир дар роҳи азли халифа мубориза карда натавонист. Вай аз ин талоши худ чизе бурд накард, балки бисёр чизҳоро аз даст дод. В.В.Бартолд дуруст қайд мекунад, ки дар ҷамъият ягон синфе набуд, ки такягоҳи Муҳаммад бошад. Феодалҳо, рӯҳониён, мардум – ҳама бо сабабҳои гуногун аз ӯ норозӣ буданд. Ҳатто аскарони кироя, ки тамоми ғалабаҳои ӯро таъмин карда буданд, дар охир аз итоати ӯ сар кашиданд. Давлати бузурги Муҳаммади Хоразмшоҳ аз дарун маҳкам ва устувор набуд ва бинобар ин дар натиҷаи зарбаҳои истилокорони муғул ба осонӣ аз по афтод.

## 2. ХОҶАГӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Иқтаъ ва заминдории шартӣ дар асрҳои XI–XII

Дар асрҳои XI–XII иқтаъ ва иқтаъдорӣ, яъне ба тариқи хизматона инъом карда шудани заминҳои кишт хеле ривоҷ ёфт, вале ин усул барои давлатҳои Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён якранг ва яксон набуд. Ҳангоми аз нуқтаи назари муайяни таърихӣ таҳқиқ намудани мавқеи иқтаъ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҳар яке аз ин чор давлат инро ҳам бояд дар

[45] Бартолд В.В., 1963 б, 437–440.
[46] Давидович Е.А., 1953 б, с. 51–53.

назар дошт, ки ҳукмронон ва арбобони давлатии дурбин ва оқибатандеши онвақта ба таназзули иқтисодӣ ва сиёсии ҳокимияти марказӣ оварда расонидани ривоҷи иқтаъро ба хубӣ мефаҳмиданд. Дар ин бобат ҳикояти Олтунтош қоиммақоми Хоразми аҳди Маҳмуди Ғазнавӣ ҷолиби диққат аст. Хироҷи Хоразм аз маоше, ки Олтунтош ҳамчун қоиммақом мегирифт, ду баробар кам буд. Олтунтош ба вазири султон Маҳмуд чунин пешниҳод намуд: ӯ хироҷи Хоразмро ба фоидаи худ нигоҳ медорад ва бақияи ҳаққи худро аз хазинаи султон мегирад. Вазир пешниҳоди Олтунтошро на фақат рад кард, балки гапҳои талх ҳам зад: «Бигузор, ба амир Олтунтош маълум бод, ки вай Маҳмуд наметавонад буд. Ҳеҷ гоҳ хироҷе, ки ӯ барои он масъул аст, ба ӯ дода нахоҳад шуд. Хироҷро бистон ва ба хазинаи султон таҳвил бидеҳ, пас мавоҷиб биталаб... Чӣ хавфи бузургест барои ғуломе, ки дар садади ширкат ба ҳукмронии подшоҳи худ бияфтад».[47] Ҳуқуқи ба фоидаи худ ҷамъ кардани хироҷро соҳиб шудан аввалин шакли иқтаъдорӣ буд. Иқтаъ на ин ки барои «ғулом», балки барои подшоҳ «хавфи бузурге» дошт. Бинобар ин ҳукумат, агар қувваи кофӣ ва имкони иқтисодии бидуни инъоми замин адо кардани хидматона мавҷуд бошад, ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба ивази хидмат пули нақд бидиҳад.

Мувофиқи шаҳодати Низомулмулк, Сомониён ва Ғазнавиён «...иқтаъ намедоданд, балки ба ҳар яке дар як сол чор бор аз хазина ба тариқи нақдина маош медоданд. Ва онҳо ҳамеша аз ин қонеъ ва хушнуд буданд. Омилҳо хироҷ ҷамъ карда, ба хазина месупурданд ва аз хазина бад-ин тариқ боре дар се моҳ маош мегирифтанд».[48] Низомулмулк дар ин ҷо фақат роҷеъ ба қӯшун сухан меронад. Ин гуфтаҳои Низомулмулкро бо баъзе қайду шартҳо асосан дуруст эътироф кардан мумкин аст. Дар аҳди Сомониён иқтаъ хеле ривоҷ дошта бошад ҳам, бо сабабҳои маълум онро фақат аҳли сулола ва ё дарбориёни олимартаба соҳиб мегардиданд, ба қӯшун бошад, маош дода мешуд. Дуруст аст, ки дар аҳди Ғазнавиён қӯшун ҳам аввалҳо иқтаъ мегирифт, вале Сабуктегин (977–997) инро манъ карда, ба қӯшун аз ҳисоби хазина маоши мунтазам таъйин намуд. Ин ҳолат баъдҳо, дар аҳди хукмронии ду-се насли ворисони ӯ низ давом кард.[49] Бо вуҷуди ин, дар аҳди Ғазнавиён ҳодисаҳои ҷудогонаи инъоми мулкҳои калон воқеъ мегардид, лекин ин навъи подош дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии онон, чи навъе ки дар замони Сомониён буд, мавқеи ба назар намоён надошт.

Ба ин тариқа, дар аҳди Ғазнавиён бахшишҳои феодалӣ, ҳатто дар айни авҷи нашъати ин салтанат камтар аз аҳди ҳукмронии Сомониён буд; ҳукумати марказӣ аз тақсими иқтаъ худдорӣ карданро мақсади асосӣ қарор дода, дар роҳи иҷрои ин маром ба имконоти иқтисодии худ такя мекард.

Аммо вазъият дар аҳди Салҷуқиён тамоман дигар буд. Ҳарчанд мисли Низомулмулк шахсони пешқадами замон оқибатҳои зиёновари васеъ ҷорӣ намудани иқтаъ ва иқтаъдориро хеле хуб фаҳмида, барои пешгирӣ кардани он чораҳо меандешиданд, ин усул торафт бештар ривоҷ меёфт. Ҳукмронони

---

[47] Низомулмулк, 1949, с. 230–231.
[48] Ҳамон асар, с. 106.
[49] Bosworth C.E., 1963, p. 124-125.

салҷуқӣ ба аъёну ашроф ва соҳибмансабон инъомҳои бузург ва ба қувваҳои аскарӣ бахшишҳои зиёде ато мекарданд.[50]

Иқтаи сарбозон сар то сари мамлакатро фаро гирифта буд. Иқтаъдор ҳақ дошт, ки як қисми даромади замини киштро ба фоидаи худ истифода намояд. Вале дар амал вай ба васеътар шудани ҳуқуқи худ саъй мекард. Низомулмулк чандин мартаба бо ҳар баҳона изҳор менамояд, ки муқтаъ (иқтаъдор) набояд аз доираи ҳуқуқе, ки ба ӯ дода шудааст, берун бараояд ва ҳокимияти марказиро лозим аст, ки аз болои он назорат кунад: «Иқтаъдорон, ки иқтае доранд, бояд бидонанд, ки эшонро бар раоё ҷуз он фармон нест, ки моли ҳақ, ки ба эшон супорида шудааст, аз онҳо биситонанд ба ваҷҳе некӯ ва чун онро ситониданд, раоё ба тан, мол, фарзандон, асбоби худ ва ғайра аз онҳо эмин бимонанд».[51]

Аҳволи барзгарон дар заминҳои иқтаъшуда як хел набошад ҳам, вале умуман вазнин буд. Барзгарон бо ихтиёри худ аз як ҷо ба ҷойи дигар рафта наметавонистанд. Баъзе сарчашмаҳо дар бораи меҳнати маҷбурии онон маълумот медиҳанд. Ноҳияҳои тамом, ки ҳоло дар ҷануби Туркманистон воқеанд, дар вақташ ба тариқи иқтаъ ба шахсони ҷудогона инъом гардида буданд.[52] Масъалаи иқтаъ ва иқтаъдорӣ дар давлати Қарохониён на он қадар равшан аст. В.В.Бартолд ва А.Ю.Якубовский чунин ҳисоб мекарданд, ки дар давлати Қарохониён усули амлокдорӣ боло гирифта, иқтаъ ба дараҷае паҳн шуда буд, ки онро метавон шакли ҳукмрони заминдории онвақта донист.[53] Ин ду муҳаққиқи маъруф аз рӯйи қиёси давлати салҷуқӣ чунин натиҷа бароварда буданд.

О.Г.Болшаков[54] ба равияи умумии тараққиёти муносибатҳои феодалии Шарқи Наздик ва Миёна комилан мутобиқ будани ин хулосаро тасдиқ намуда, дар айни замон дурустии чунин тарзи муҳокимаро, ки ба як шабоҳат асос ёфта, худ ба худ имкони тафовутро аз байн мебарад, ба зери шубҳа гирифтааст. Ӯ доир ба усули амлокдорӣ дар давлати Қарохониён ин тариқа мулоҳизаро пеш меронад: аз рӯйи далелҳои Е.А.Давидович, ҳатто дар айёми нашъунамои давлати сомонӣ ғайр аз мулкҳои вассалӣ, аз қабили Хоразм, Чағониён ва Хатлон, мулкҳои калони инъомшуда низ мавҷуд буданд. Дар даҳсолаҳои аввали ҳукмронии Қарохониён Мовароуннаҳр ба бисёр мулк ва мулкчаҳо тақсим шуда буд. Вале пас аз таъсиси давлати мустақил дар ин ҷо тақрибан ҳамон вазъияте, ки дар аҳди Сомониён вуҷуд дошт, дубора ҳукмфармо гардид. Пас ҳеҷ як асосе нест, ки усули амлокдории давлати Қарохониён ва давлати Сомониёнро (ҳарчанд бо баъзе тафриқаҳо бошад ҳам) бо ҳам муқобил гузорем.

Умуман, дурустии ин тарзи таҳқиқ ва натиҷаҳои онро эътироф накардан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, баъзе тасҳеҳ ва илова кардан лозим меояд. Агар бахшишу инъомҳоеро, ки ба ивази хизмат дода мешуданд, аз рӯйи аломати иҷтимоӣ ба ду гурӯҳ: «хӯронидани» қӯшун ва бахшишҳои калон ба аъзои

---

[50] Бертелс А. Е., 1959, с. 31–33; Bosworth C. E., 1968 a, p. 230–244; Lambton A.K.S., 1969, p. 53-76 (дар ин ҷо роҷеъ ба таносуби усули иқтаи аҳди салҷукӣ ва давлати Буиён маълумот дода мешавад)

[51] Низомулмулк, с. 34.

[52] Lambton A.K.S., 1969, p. 66–69.

[53] Бартолд В. В., 1963 б, с. 330, 367 ва мобаъд; 1963 е, с. 248; Якубовский А. Ю., 1949, с. 39–40.

[54] ИТН, II, I, с. 248-250.

сулола ва амалдорон ҷудо намоем, барои муҳокима рондан доир ба бахшиши гурӯҳи аввал дар аҳди Қарохониён ҳоло, дар ҳақиқат ҳам, далелҳои аниқи таърихӣ вуҷуд надоранд. Он чӣ оид ба гурӯҳи дувум бошад, аз сиккаҳои қарохонӣ баъзе маълумот ба даст овардан мумкин аст. Дар ибтидои асри XI давлати Қарохониён воқеан ҳам ба бисёр мулкҳои калону хурд тақсим шуда, муносибатҳои тобеият ва силсилаи маротиби серзинаи феодалӣ хеле равшан ба зуҳур омада буд. На фақат аҳли сулола, балки дигар намояндагони табақаи ҳукмрон низ ба мавқеи вассали мулкдорони калон расида буданд. Баъдтар зикри соҳибони вассал дар сиккаҳо торафт камтар мешавад, вале тамоман аз байн намеравад. Дар замони асосгузори ҳақиқии давлати хоқонии Қарохониёни ғарбӣ, ки марказаш Самарқанд буд, Иброҳим Тамғочхон ҳам дар чанде аз сиккаҳо ному унвони соҳибони мулкҳои хурд–вассалони ӯ зикр ёфтаанд.[55] Ҳатто дар нимаи дувуми асри XII, вақте ки давлати Қарохониёни Осиёи Миёна ба дасти хонадони фарғонӣ қарор мегирад, на танҳо сардорони сулола, ки дар Самарқанд менишастанд ва на танҳо сардорони мулки Фарғона, ки дар Ӯзганд сукунат доштанд,[56] балки гоҳо соҳибони мулкҳои хурд, масалан, дар Марғиён ва Бинокат ҳам, ба ихтиёри худ пули сикка мебароварданд.[57]

Таассуроте ба вуҷуд меояд, ки авҷ гирифтани тамоили марказиятдиҳӣ пас аз таъсиси давлати мустақили қарохонии пойтахташ Самарқанд усули амлокдориро, ки дар ибтидои асри XI муқаррар гардида буд, аз миён набардошта, фақат ҳуқуқи соҳибони мулкро маҳдуд гардонид ва, аз афташ, миқдори ин қабил мулкҳоро кам намуд. Ин аст, ки соҳибони мулкҳои хурд аз ҳамин вақт сар карда фақат аҳёнан номи худро дар сикка сабт мекарданд. Ғайр аз ин, агар Сомониён ба муқобили кӯшишҳои ба мулки меросӣ табдил додани мулкҳои инъомӣ мубориза бурда ва гоҳо муваффиқият ба даст оварда бошанд, дар аҳди Қарохониён, чунонки аз сиккаҳо маълум мешавад, ба мерос гузоштани чунин мулкҳо як ҳодисаи маъмул мегардад. Ҳақ ба ҷониби О.Г.Болшаков аст, ки барои сухан рондан дар бобати муқобилгузории давлатҳои Сомониён ва Қарохониён ҳоло ягон далел ва асосе мавҷуд нест. Лекин доир ба инкишофи «пешравандаи» минбаъдаи иқтаъ ва усули амлок, бо чунин як таъкид, ки ин ҳам як ҷараёни муттасили бомайлон набуд, метавон сухан ронд.

Баёни вазъияти давлати Хоразмшоҳиён басе осонтар аст. Дар асари ёдоваришудаи котиби шахсии Хоразмшоҳ – Текиш (1172– 1200) Муҳаммади Бағдодӣ якчанд ҳуҷҷати марбут ба вилояти Насо мавҷуд аст. Он вақтҳо дар ҳаёти сиёсии канорҳои ҷануби давлати Хоразмшоҳиён феодалҳои ғуз мавқеи калон доштанд. Текиш ба яке аз феодалони номдори ғуз – Туғоншоҳ ноҳияи калонеро дар ин вилоят ба тариқи иқтаъ инъом намуд. Аз ярлиқ маълум мешавад, ки ба Туғоншоҳ ҳуқуқи комили масуният дода шудааст. Рӯҳониён, қозиҳо, уламо, давлатмандон, «ҳукамо», «саркардаҳо», заминдорон ва дигар табақаи одамон ба ӯ итоат мекарданд. Шиҳна – ҳокимони деҳ ва музофот, мутасаррифон – маъмурони молияву хироҷ (дар дастгоҳи ҳукумати марказ ва

[55] Марков А.К., 1896, с. 265-267, 451-453, 457-460 ва мобаъд.
[56] Давидович Е. А., 1957 б, с. 108-119.
[57] Давидович Е. А., 1961 с. 189-190.

маҳалҳо), инчунин идоракунандаи обёрӣ ва омилон – ғундорандагони хироҷ – ҳама дар зери итоати соҳиби иқтаъ буданд. Дар ярлиқ ба иқтаъдор чунин дастури амал зикр ёфта буд: «Бигузор, ӯ ҷазояшро диҳад, то ки муставфии хироҷ ва мутасаррифон ба зевари инсоф ва эътимод ороста гарданд, то ки онҳо аз фасод ва фориғболӣ орӣ бошанд, то ки ҳатман ва ҳаққан (манофеи аҳолиро) ҳимоя кунанд, то ба ҷуз молиёти муайян ва хироҷи маълум дигар андозе (ягон молиёти наве) аз барзгарон наситонанд, то (ба сари онҳо) ягон маҷбурияти берун аз одат наниҳанд ва (он чӣ таъйин мешавад) ҳамчун навии ошкоро номақбулест, ки на Холиқ розӣ асту на халқ».

Дар ин панди бообуранг ҳамчунин зарурати ҳифзи номуси зан, молу мулк ва ҳаёти аҳолӣ, таъмини бехатарии хонаву ҷой ва ғайра таъкид шудааст. Аз ин ҳама чунин бармеояд, ки соҳибони ваколатдори иқтаъ, дарвоқеъ, ҳамчун ситампешагону ғоратгарони ошкор буда, чунонки дар санад гуфта мешавад, «мусулмонро маҷбур ба фирор менамуданд».

Қисмати аз иқтаи Туғоншоҳ берунмондаи вилояти Насо ба мулки худи Хоразмшоҳ Текиш дохил мешуд. Текиш онро ба воситаи қоиммақом идора мекард. Ба ин қоиммақом мавоҷиб таъйин гардида, илова бар ин, баъзе маҳалҳо ба тариқи иқтаъ инъом шуда буд. Дар ярлиқи ба қоиммақом тақдимшуда хотирнишон мегардид, ки ӯ дар заминҳои иқтаи худ метавонад барояш хироҷ ғундорад, ба ӯ «калиди ҳаллу фасл ва бандубаст, амри иҷро ва манъ» дода шудааст, «Бигзор, ӯ ба ноибони худ бигӯяд, ки онҳо дар вақти талабидани молиёти замин ба дӯши барзгарон андози (аз ҳадди) қарор берун ва вазнин бор накунанд, дар ҳоле ки онҳо иқтидори таҳаммули мушкилоти ҳисобу китоб ва ихтилоли (онро) надоранд...». Аз барзгарон ва шаҳрнишинон талаб мекарданд, ки нодории худро баҳона наоварда, тамоми андозу хироҷро бисупоранд, касони саркашидаро ҷазоҳои сахт нигарон буд.[58]

Ҳамин тариқа, аз ин санадҳои воқеӣ манзараи мудҳиши зулму ҷабри оммаи халқ дар пеши назар намоён мегардад.

## Моликияти замин ва деҳқонон

Яке аз протсессҳои хоси иҷтимоии давраи мавриди таҳқиқ тағйир ёфтани ҳайати заминдорони калон ва, ҳатто миёна мебошад. То истилои араб соҳибони асосии замин деҳқонон буданд. Вале пас аз истилои араб деҳқонон ба муфлисӣ рӯ ниҳоданд. Дар навбати аввал, албатта, деҳқонони камбизоат ва миёнаҳол, ки дар натиҷаи андозҳои аз ҳад зиёд ва суиистифодаи амалдорон хонахароб мешуданд, ба ин ҳолат афтоданд. Баъзе моликони хурд ба моликони калон ихтиёран супурдани заминҳои худро афзалтар медонистанд. Истилогарон ва аъёну ашрофи наздики онҳо ин гуна заминҳоро бо майли тамом мехариданд. Деҳқонон аз зулму фишор маҷбур мешуданд, ки замини меросиашонро ҳам фурӯшанд. Мусодира ва зӯран ғасб кардани мулки деҳқонон низ воқеъ мегардид.

Ин протсесс дар замони Сомониён ҳам давом намуд: аҳли сулола, амалдорон ва саркардаҳои соҳибмансаб ва сарватманд заминҳои мулкиро мехариданд. Ривоҷ ёфтани бахшишҳои феодалӣ дар асрҳои IX–X, аз як тараф,

[58] Семёнов А.А., 1955.

сарвати касони бахшишгирифтаро афзунтар намояд, аз тарафи дигар, ба онҳо барои хариди заминҳои меросии деҳқонон имкониятҳои фаровон муҳайё месохт, зеро бахшишҳои онвақта ниҳоятдараҷа калон буда, баробари он мансаби қоиммақом – ҳокими шаҳр, ноҳия ва вилоят низ дода мешуд. Ин буд, ки дар асри XI моликияти хусусӣ нисбат ба замин фақат бо деҳқонон маҳдуд нагардида, дигар доираҳои болонишини ҷамъиятро низ фаро мегирифт.

Бо вуҷуди ин, дар асри XI деҳқонон ҳанӯз табақаи пуриқтидореро ташкил менамуданд. Деҳқонони калон ноҳия ва вилоятҳои тамомро соҳибӣ мекарданд. Баъзе аз ин қабил деҳқонон бо хоҳиши тамом ба тарафи истилогарони Қарохонӣ гузаштанд[59] ва дар вақтҳои аввал на фақат мулк, балки то андозае мавқеи сиёсии худро ҳам нигоҳ доштанд. Номи онҳо бо унвони «деҳқон», ҳатто дар сиккаҳои мисӣ (зарбаи солҳои 997, 998, 1004/05 ва 1008/09 дар Илак) ба сифати вассали хони Қарохониён ёд шудааст.[60] Чунин таассурот ҳосил мешавад, ки дар аҳди Қарохониён дар охири асри X – ибтидои асри XI деҳқонони Илак, ҳатто ба мавқеъҳои баландтар соҳиб шуда, бештар мустақилият ба даст оварданд ва эътибори онҳо, аз он ки дар асри X дар замони Сомониён буд, баландтар гардид.[61]

То ибтидои асри XI мавқеи ашрофи қадимаи заминдор – ҳокимони вилоятҳои гуногуни сарҳадӣ устувор буд. Масалан, дар замони Сомониён, чунонки зикр ёфт, баъзе мулкҳо ба туҳфаву пешкашҳои аксаран рамзӣ маҳдуд шуда, хироҷ намедоданд. Дар он ҷо замин моликияти феодалони маҳаллӣ ба шумор мерафт. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои тасарруфи ин вилоятҳо кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод. Ӯ Гарҷистонро ишғол карда, кӯшкҳои ашрофи маҳаллиро ба замин яксон намуд. Вай кишвари Ғурро низ ба ҳамин минвол ба худ тобеъ кард.[62] Вилоятҳои назди дарёи Аму яке аз паси дигаре ба тобеияти султон Маҳмуд дохил шуданд. Фақат Чағониён то солҳои 1038/39 соҳибихтиёрии сиёсии худро нигоҳ дошт. Дар он ҷо, ба қавли Байҳақӣ, моликони меросӣ ҳукмронӣ мекарданд, дар сиккаҳои онҳо Ғазнавиён тамоман, ҳатто ба сифати султон ҳам ёд нашудаанд.[63]

Дар вилоятҳои истилошуда системаи хироҷ ҷорӣ карда шуд, ки барои мулкдорони маҳаллӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле номусоид буд ва ин боиси тадриҷан хонахаробшавии заминдорони хурд ва камбизоат мегардид. Дар ин маҳалҳо, зоҳиран, ҳамон протсесс, ки дар вилоятҳои марказӣ пештар сар шуда, то асри XI қувват пайдо карда буд, «бо каме таъхир» такрор меёфт.

Дар давоми асрҳои XI–XII дар давлатҳои Қарохониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён протсесси аз тарафи аҳли ин сулолаҳо, ашрофу асилзодаҳо ва саркардаҳои ҳарбӣ харида гирифтани заминҳои мулкӣ бо суръати тамом давом намуд. Дар сарчашмаҳо мулкдорони ниҳоят калоне, ки аз байни аъёну ашрофи нав баромада буданд, зикр шудаанд. Онҳо ба имтиёзҳои зиёде соҳиб гардида, аксар вақт аз заминҳои худ андоз намедоданд.

---

[59] Аз ҷумла, худи деҳқонон Буғрохони қарохониро даъват карда буданд (Бартолд В.В, 1963 б, с. 318).
[60] Марков А.К., 1896, с. 218-219, № 192-193; Массон М.А., 1953, с. 81.
[61] Муқ. Бартолд В. В., 1963 б, с. 292.
[62] Бертелс А.Е., 1959, с. 25-26.
[63] Давидович Е. А., 1970 б.

Ҳамин тариқа, заминҳои мулкии деҳқонони баъзе вилоятҳо бо роҳҳои гуногун ба дасти сулолаҳои нав ва феодалони нав мегузашт. Дар ин вилоятҳо деҳқонон дар арафаи истилои муғул дигар ҳамчун табақаи асосии заминдорон мавҷудияти худро қатъ карданд. Вале аз рӯйи кашфиёти А.Мухторов дар кӯҳистони тоҷик – Мастчоҳу Фалғар, ҳамчун соҳиби деҳу замин то асри XVI деҳқонон бақия монданд.[64]

Диққатро боз ба чунин як зуҳуроти инкишофи иқтисодиёти феодалӣ, аз қабили харидуфурӯши замин, мулки хусусӣ ҷалб кардан лозим аст. Пайдо шудани нархи замин, мавриди савдо қарор гирифтани заминҳои мулкӣ, бешубҳа, натиҷаи аз тарафи арабҳо, сипас, Қарохониён ва Салҷуқиён истило шудани Осиёи Миёна ва Хуросон, таъсиси давлатҳои нав, тағйири ҳайати табақаи болои феодалӣ ва дигар ҳодисаҳое мебошанд, ки мо аз назар гузаронидем. Маҳз харидуфурӯши заминҳои мулкӣ сабабгори асосии ҳамчун табақаи мустақил ва асосии мулкдор аз байн рафтани қисми деҳқонон ва ба вуҷуд омадани ҳайати нави мулкдорон гардид ва ин табаддулотро тезонид.

## Шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XI–XII

Тараққиёти босуръати шаҳрҳо, истеҳсолоти молӣ ва тиҷорати пулӣ аз муҳимтарин аломатҳои давраест, ки мо ба таҳқиқи он пардохтаем.

Шаҳрҳои Осиёи Миёна калонтар ва аҳолии онҳо зиёдтар мегардид. Масалан, маркази ҳаёти шаҳри Самарқанд ҳаволии он ба ҳисоб мерафт, ки дар он ҷо маҳалҳои сершумори тоҷирону пешаварон воқеъ гардида буданд. Аъёну ашроф, рӯҳониён, савдогарони доро ва дигар табақаҳои давлатманд низ дар ҳамин ҷо маскан доштанд.[65]

Истеҳкомоти Бухоро низ аз нав сохта, масоҳати шаҳр васеътар карда шуд. Бисёр иморатҳои нави муҳташам бино ёфтанд.[66] Тирмизи асрҳои XI–XII нисбат ба замони Сомониён хеле доман паҳн кард. Дар асри XI истеҳкомоти шаҳр қавитар гардида, қалъаи он бо хишти пухта рӯкаш карда шуд. «Қасри ҳокимони Тирмиз» ҳам дар ҳамин аср қомат афрохт. Қисмати тиҷоратию пешварии шаҳр, ки он ҷо дар атрофи бозорҳо коргоҳҳои зиёди косибон ба вуҷуд меомаданд, аҳамияти махсус дошт.[67] Яке аз калонтарин шаҳрҳои Тоҷикистони ҷанубӣ пойтахти Хатлон – Ҳулбук буд. Фақат қисмати марказии он масоҳати қариб 70 гектарро фаро мегирифт. Дар ин ҷо қалъае вуҷуд дошт, ки дар вақти ҳафриёт аз он бақияи қасри пурзебу зинати ҳокимони Хатлон ёфт шуд. Дар шаҳр коргоҳҳои гуногуни косибӣ, аз қабили кулолӣ, филизӣ ва ғ. вуҷуд доштанд.

Тараққии босуръати шаҳр бештар дар ҳамин давра ба вуқӯъ пайваст: дар ҷойҳое, ки пештар партовхонаи шаҳр ва ё замини кишт маҳсуб меёфтанд, биноҳои иқоматӣ ба вуҷуд омаданд[68]. Аз рӯйи мушоҳидаҳои археологию топографӣ дар асрҳои XI–XII шаҳрҳои ҳам хурд ва ҳам калони Туркманистони

---

[64] Доир ба таҳаввули калимаи «деҳқон» ниг.: Бартолд В. В., 1923; 196.3 б, с. 238–239; Бертелс А. Е., 1959, с. 16–26; Мухторов А., 1967 ва ғайра. 65.

[65] Массон М. Е., 1950, с. 164–165.

[66] Сухарева О. А., 1958, с. 31 ва мобаъд.

[67] Массон М. Е., 1938, с. 7–8.

[68] Литвинский Б. А. ва Давидович Е. А., 1954, с. 41 ва мобаъд.

ҷанубӣ: Марв, Дандонақон, Омул, Замм, Сарахс, Майхона, Абевард, Нисо, Язир, Деҳистон ва ғайра хеле равнақ меёбанд[69].

Дар воҳаи Чу маҳз дар давоми асрҳои X–XII баъзе деҳаҳо ба марказҳои калони шаҳрӣ мубаддал мегарданд[70]. Ҳатто ноҳияҳои кӯҳистон (масалан, ноҳияи воқеъ дар воҳаи Оби Нов, шохаи дарёи Панҷ ё худ ноҳияи Исфара) торафт бештар ба муомилоти молию пулӣ кашида мешаванд.

Тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва тадриҷан аз хоҷагии қишлоқ ҷудо шудани касбу ҳунар сабабгори асосии равнақи босуръат ва дар баъзе мавридҳо хеле пуравҷи ҳаёти шаҳрҳо мегарданд. Омили дигари равнақёбии шаҳрҳо қувват гирифтани тобеияти деҳқонон нисбат ба феодалон мебошад, ки боиси ба шаҳр фирор кардани оммаи деҳқонон гардида буд (ин дар баъзе шаклҳои маданияти моддии шаҳр нақши худро гузоштааст)[71]. Ҳамин тариқа, назарияи К.Маркс ва Ф.Энгелсро дар бобати аҳамияти фирори деҳқонон дар таъсиси шаҳрҳои асримиёнагии Аврупо[72] нисбат ба шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Миёна низ татбиқ кардан мумкин аст.

## Касбу ҳунар дар асрҳои XI–XII

Маркази асосии касбу ҳунар ва тиҷорат шаҳр буд. Касбу ҳунари шаҳрии онвақта аксаран ба тавассути маълумот ва мадракҳои бостоншиносӣ омӯхта шудааст. Бостоншиносон, беш аз ҳама, доир ба тавлиди маснуоти кулолӣ ва шишагӣ маълумот ба даст овардаанд.

Барои асрҳои XI–XII, қабл аз ҳама, ба дараҷаи хеле зиёд афзудани ҳаҷми истеҳсоли маснуоти кулолӣ ва дар айни замон ба худ шаклҳои қолибӣ гирифтани онҳо характернок аст. Дар истеҳсоли зарфҳои «сари дастархон» мавқеи калонро косаву табақҳои бесир, вале пурнақшу нигор ишғол менамуданд, ки ин ҳам ҷиҳати хоси пешаи кулолии онвақта мебошад. Зарфҳои сирдодашуда ҳам дар асрҳои XI–XII ба таври васеъ паҳн гардида буданд, онҳоро дар чунин гӯшаҳои дурдасти кӯҳистони Осиёи Миёна, ки дар асрҳои IX–X аз ин қабил зарфҳо асаре набуд ва ё хеле камёб буд, дучор омадан мумкин аст. Дигар тағйиротҳое ҳам, ки олоти кулолии асрҳои XI–XII ва ибтидои асри XIII-ро аз давраҳои пешина фарқ мекунонанд, ба амал омаданд.

Истеҳсолоти кулолии асрҳои XI–XII ҳам аз нуқтаи назари техника ва технология, ҳам аз нуқтаи назари шаклу ороиш хеле хуб омӯхта шудааст,[73] зеро бостоншиносон зарфҳои мансуб ба ин давраро дар харобаҳои тамоми шаҳристонҳои асримиёнагӣ ба миқдори зиёде пайдо намудаанд. Дар як қатор маҳалҳо осори истеҳсолот мушоҳида гардида, кӯраҳои сафолпазӣ, қолибҳои нақшпартой ва асбобҳои махсуси кӯра (овеза ва ҷойгоҳи зарф; сепоя барои аз ҳам ҷудо кардани зарфҳо ва ғайра) ёфта шудаанд.

Зарфҳои сирдодашуда дар истеҳсолот мавқеи асосӣ доштанд. Бештар сири сиёҳчаранги шаффоф ва мисли пештара хиратоб ба кор бурда мешуд. Аз байни

---

[69] Пугаченкова Г. А., 1958, с. 190–199

[70] Кожемяко П. Н., 1959, с. 183

[71] Муфассалан ниг.: Литвинский Б. А., 1953 б, с. 55 ва мобаъд.

[72] К. Маркс, Ф. Энгелс. Соч., т. 3, с. 14–15; 50–51; т. 4, с. 425.

[73]Асарҳои И.Аҳроров, О.Г.Болшаков, Н.Н.Вактурская, Э.Ғуломова, Е.А.Давидович, Б.А.Литвинский, С.Б.Лунина, Э.В.Сайко, Ш.С.Тошхоҷаев, Г.В.Шишкин ва дигарон.

сирҳои ғайришаффоф хусусан сири фирӯзафоми хушсифат ва зебо, ки дар вақтҳои охир пайдо шуда буд, беш аз пеш мавриди истифода қарор мегирифт.

Дар баробари шаклҳои кухнаи зарфҳои сирдор шаклҳои нави такмилёфта низ ба вуҷуд меомаданд. Чунончи, агар дар асрҳои IX–X чароғҳо равғандони мудаввар ва нӯги кӯтоҳ дошта бошанд, дар асрҳои XI–XII бо баробари ин шакл чароғҳое пайдо мешаванд, ки равғандони онҳо рахдор, нӯгашон тарошида ва дарозтар аст.

Дар вақти минокорӣ зарфҳо мисли пештара бо хатҳои ҳандасӣ, нақшҳои наботӣ, тасвири мавҷудоти зинда (хусусан парандагон) ороиш меёбанд. Заминаи нақшу нигори зарфҳо аксаран соф ва беранг буда, рангҳои норинҷӣ ва сиёҳ низ васеъ кор фармуда мешаванд. Ранги тасвирот хеле гуногун: сиёҳ ва сафед, қаҳвагӣ ва сурх, сабз ва зард, кабуд ва нилуфарӣ аст. Дар ороиши зарфҳо тамоми комёбиҳои замони гузашта истифода шуда, дар айни замон онҳо тағйир ва такмил ҳам ёфтаанд.

Навиштаҷоти аз ҳад зиёди хайриятхоҳона ва пандомез аз байн рафта, ҷойи онро навиштаҷоти мухтасар мегирад, ки ҳатто аз як калима иборат буда, ин калима чандин бор такроран сабт мегардад; нақшҳои катибавие ба вуҷуд меоянд, ки аз шаклҳои зебои ҳуруфӣ фароҳам омада, ягон маъниро ифода намекунанд ва хонда ҳам намешаванд. Дар тасвири мавҷудоти зинда низ аломатҳои рамзӣ ба назар мерасанд. Масалан, тасвири мурғон, ки аз қадим дар ороиши зарфҳо истифода мешаванд, хеле сатҳӣ мебошад, аксар вақт, ҳатто сурати мурғ пурра оварда нашуда, фақат қаноти он такрор ба такрор тасвир мегардад.

Нақшҳои ҳандасӣ ва наботӣ низ гуногун мебошанд. Ду тариқаи ин нақшҳо дида мешавад: яке нақшест, ки фақат як қисми рӯйи зарфро фаро гирифта, дар заминаи фарох паҳн мегардад ва одатан заминаш сабз ё зардранг мешавад; дигаре нақшест, ки тамоми рӯйи зарфро пӯшида, дар заминаш ягон ҷойи холӣ намегузорад. Бисёр нақшу нигорҳои тоза ва рангуборҳои нав пайдо мешаванд. Масалан, нақшҳое, ки бо хатҳои нафиси сафед, сиёҳ ва норинҷӣ дар заминаи қаҳваранг кашида шудаанд, ниҳоятдараҷа назаррабоянд.

Дар асрҳои XI–XII сафолоти кошинӣ тайёр карда мешуд. Сафоли он сафед ва ё андаке пуштиранг, мӯрт (зудшикан) ва ковок буд. Ба рӯйи он луоби кабудча ва ё нилобӣ медавониданд. Дар девораҳои тунуки он сӯрохчаҳои гирда, секунҷа ё худ чоркунҷа мекушоданд, ки пас аз сир додан ҳамчун нақшҳои зебо диққатро ба худ ҷалб мекард.

Зарфҳои сафолии тунуки бесир ва пурнақшу нигори асрҳои XI–XII хеле ҳунармандона сохта шудаанд. Аксари ин зарфҳо аз кӯзаҳои даҳантанги гуногуншаклу гуногунҳаҷм иборатанд, ки танаи онҳо гоҳ гирд ё мурӯдшакл ва гоҳ мисли филиз печухамдор мебошанд. Барои нақшу нигори кӯза аз воситаҳои техникӣ низ истифода бурдаанд. Чунончи, қисмҳои боло ва поини кӯза ва баъзан даҳани онро ҳам дар даруни қолибҳои нақшин сохта, сипас, ҳамаи ин қисмҳоро ба ҳам васл мекарданд. Ҳамчунин ба воситаи қолибҳои махсус дар рӯйи зарфҳои тайёр ҳар гуна сурат ва нақшҳо мепартофтанд. Дар ороиши олоти сафолӣ боз дигар воситаҳо низ ба кор бурда мешуданд.

Нақшҳои ҳандасӣ ва наботӣ, катиба, тасвири ҳайвон, мурғ, моҳӣ, одам ва ҳар гуна махлуқоти хаёлӣ зарфҳои зарифи зеварии онвақтаро зебу оро додаанд. Тасвироти рӯйи ин зарфҳо ба таври гуногун тартиб ёфтаанд. Яке аз

услубҳои маъмул хатҳои тасмашаклест, ки дар дохили яке катиба, дигаре нақшҳои мураккаби наботӣ ва севумӣ сурати ҳайвон ҷой гирифтааст. Офтобаи мисии катибадори бо нақшҳои паранда ва ҳайвонҳои болдори афсонавӣ ороишёфта маҳсули кори устоҳои асрҳои XI–XII мебошад. То ҳол дар ҳудуди Иттифоқи Советӣ даҳ адади он пайдо шудааст, ки шаштоаш аз музофоти Ӯротеппа мебошад. Қимати зарфҳои мисӣ ва биринҷӣ на танҳо дар ороиши онҳо ва санъати кори устоҳост, инчунин дар он аст, ки дар рӯйи баъзеи онҳо номи устоҳо сабт гардидаанд[74].



Зарфҳои нақшини сафолӣ. Асрҳои XI–XII. Афросиёб

Тимсоли дурахшони тараққии касбу ҳунар дар асрҳои XI–XII маснуоти шишагист[75]. Дар ин давра махсусан шишаи тиреза хеле маъмул ва мустаъмал буд. Дар бисёр маҳалҳо, аз ҷумла, дар харобаҳои шаҳристони қадимаи Марв, як қатор мавзеъҳои Хоразм ва Фарғона, дар шаҳристони асримиёнагии Тароз ва ғайра осори ин навъ шишаолот дарёфт гардидааст. Шишаҳои онвақта аксаран беранг буда, қабл аз ҳама, ба мақсадҳои амалӣ дар тиреза истифода мешуданд. Гоҳо шишаҳои ҳамвори рангин низ дучор меоянд, ки яқинан барои ороиш ба кор мерафтанд. Дар ин бобат қасри ҳокимони Тирмиз ҷолиби диққат аст. Дар панҷараҳои ин қаср пораҳои зарфи шишагии рангин чида шудаанд, ки равшаниро камтар гузаронанд ҳам, бо нақшҳои рангубаранги худ биноро зеб медиҳанд.

[74] Мухторов А., 1965, с. 52

[75] Абдураззоқов А. А., Безбородов М. А., Заднепровский Ю. А., 1953. Дар боби V, мутаассифона, барои муайян кардани хусусиятҳои нави шишасозии асрҳои XI–XII кӯшише карда нашудааст, муаллифон ин соҳаи касбу ҳунарро маҷмӯан дар ҳудуди беш аз чор аср (IX – ибтидои XIII) мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ҳол он ки бозёфтҳои бостоншиносӣ ба тавсифи дақиқи он дар санаҳои муайяни таърих имкон медиҳанд. Миқдори хеле зиёди осори шишаолоти асрҳои XI–XII бадастомада, дар бисёр нашрияҳои бостоншиносӣ тавсифи худро пайдо кардааст.

Чунонки аз мушоҳидаҳои бостоншиносон бармеояд, дар асрҳои X–XII тавлиди шишаолот нисбат ба давраҳои гузашта хеле афзуда, маснуоти шишагӣ ба зиндагонии мардум бештар ворид гардид. Осори устохонаҳои шишасозии мансуб ба ин давра дар харобаи бисёр шаҳристонҳои асримиёнагӣ ёфт шудааст. Вале намудҳои худи шишаолоти асрҳои XI–XII дар тамоми маҳалҳои Осиёи Миёна пайдо гардидаанд.

Истеҳсолоти зарфсозӣ мисли пештара мавқеи асосӣ дошт. Дар сохтани зарфҳои шишагӣ баробари шишаҳои беранг ва ё андаке зардчаранг шишаҳои рангин: сабз, кабуд, нилобӣ ва қаҳвагӣ ҳам ба кор бурда мешуданд. Анвои зарфҳо низ назар ба замони пешин зиёдатар гардид. Дар истеҳсолоти зарфсозӣ ҳам, мисли кулолӣ, шояд хусусияти ҳар маҳал нақши худро гузошта бошад, аммо дар ин бобат ҳоло ба яқин чизе гуфтан душвор аст. Лекин як тамоюл ба таври равшан ба назар мерасад: баъзе шакл ва навъҳои зарфҳои шишагӣ, аз қабили косаву табақ, ҷому қадаҳ, кӯзаву сабӯ ва шишачаҳои атриёту адвиёт миқдоран зиёд буда, дар ҳама ҷо вомехӯранд. Аксари зарфҳо бе нақшу нигор аст, вале зарфҳои зеварӣ ҳам кам нестанд. Зарфҳоро ба василаи дар лӯлаҳои махсус дам кардан ва ба қолибҳои нақшин рехтани шиша ороиш медоданд. Дар ороиши зарфҳо ҳамчунин воситаҳои мураккабтари техникӣ, масалан, кандакорӣ низ истифода мешуд. Хусусан зарфҳои шишагии нақшдори Ҳулбук (Тоҷикистони ҷанубӣ) ва Қува (Фарғона) хеле ҳунармандона сохта шудаанд. Медалйонҳои шишагии тирмизӣ, ки дар онҳо сурати парандагон, ҳайвонот ва саворaҳо кашида шуда, катибаҳои хатти кӯфӣ сабт гардидаанд, низ ҷолиби диққат мебошанд.

Маснуоти шишагӣ ба зарурaтҳои гуногун кор фармуда мешуданд. Қисмати бештари онҳоро зарфҳои таом, дору ва атриёт, асбоби рӯзгор (давот, тувак ва ғ.), олоти мухталифи зинатӣ (хусусан шадда), шишаи тиреза ва амсоли инҳо ташкил мекарданд. Эҳтимол, зарфҳои кимиёгарӣ ҳам бисёр бошанд, вале мутаассифона, аксаран санаи онҳо зикр нашудааст.[76]



**Зарфҳои шиша. Асрҳои X–XII. Афросиёб**

[76] Ниг.: масалан, Жуков В. Д. 1940, 1945; Давидович Е. А., 1953; Трудновская С. А., 1958; Мережин Л., 1956, Аҳроров И., 1960; Аминҷонова М., 1960 1961; Ғуломова Э., 1961 ва дигарон.

Умумӣ ва ҳамаҷоӣ будани истеҳсоли зарфҳои шишагӣ ва, ҳатто шишаҳои тиреза, гуногунии анвои зарфҳо ва дар айни замон якрангии шаклҳои аксари онҳо, истифодаи тарзҳои самарабахш ва дар баробари он камзаҳмат ва арзонтари зеварбандӣ–ин ҳама далели он аст, ки шишасозони асрҳои XI–XII назар ба асрҳои IX–X ба доираи васеътари харидорон хизмат мекардаанд.

Дар касбу ҳунари аҳли шаҳр мавқеи намоёнро истеҳсоли олоти филизӣ ишғол менамуд. Масалан, «маҳаллаи оҳангарон» дар Тирмиз беш аз 5 гектар масоҳат дошт. Дар баробари сохтани асбобҳои рӯзгор, олоти истеҳсолот ва аслиҳаҷот миқдори зиёди маснуоти нафиси ҳунарӣ–дегча, қаламдон, чароғ ва ғайра, ки бо катибаҳо ва тасвироти гуногун ороиш ёфтаанд, низ тайёр карда мешуданд. Чунончи, қаламдони мисии дар Осиёи Миёна ёфтшуда аз ҳамин қабил маснуот ба шумор меравад, ки бо нуқра хотамкорӣ шуда, рӯйи онро катиба, нақшу нигор ба сурати мурғон зинат медиҳанд. Дар яке аз катибаҳо 12 апрели соли 1148 аз тарафи усто Умар ибни Фазл сохта шудани он зикр гардидааст.[77] Дар Бухоро дегчаи хеле зебои биринҷии бо мису нуқра хотамкоришуда, ки моҳи декабри соли 1163 бо дасти устои мусаввир Масъуд ибни Аҳмад ва устои кандакор Муҳаммад ибни Абдулвоҳиди Ҳиротӣ сохта шудааст, пайдо гардид. Дар рӯйи ин дегча подшоҳи тахтнишин, бозӣ, шикор, рақс ва саҳнаҳои дигар тасвир ёфтааст.[78] Дар Лағмон (водии Вахш) ганҷинаи маснуоти хеле хуби биринҷӣ, ки мансуб ба ҳамон асрҳост, кашф карда шуд.

Дар ин давра истихроҷи маъдан давом намуда, конҳои сершумор дар айни истифода буданд.

## Муомилоти пул

Тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, беш аз пеш ҷудо шудани касбу ҳунар аз хоҷагии қишлоқ, инкишофи минбаъдаи истеҳсолоти молӣ, алоқаи наздик бо қабилаҳои бодиянишин боиси ривоҷи додугирифт дар дохили давлатҳои Осиёи Миёна ва бо кишварҳои ҳамҷавор гардид. Дар ин хусус чи мадракҳои бостоншиносӣ (хусусан, дар қисмати Хитой ва Эрон) ва чи манбаъҳои хаттӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Мадракҳои фаровони сиккашиносӣ аз мавҷудияти мубодилаи пулӣ далолат мекунанд. Аз асри XI то ибтидои асри XIII дар сарзамини Осиёи Миёна сиккаҳои зарби давлатчаҳои гуногун (вобаста ба дохил шудани онҳо ба ҳайати ноҳия ва вилоятҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна) роиҷ буданд. Сиккаҳои ғазнавӣ ва салҷуқӣ одатан дар ноҳияҳои ҷанубии Осиёи Миёна: аввалӣ дар Тоҷикистон, дувумӣ дар Туркманистони ҷанубӣ бештар дучор меоянд. Аксаран дар ҳудуди Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистони шимолӣ сиккаҳои қарохонӣ вомехӯранд. Сиккаҳои хоразмшоҳии Муҳаммад ибни Текишро дар саросари Осиёи Миёна пайдо кардан мумкин аст.

Муомилоти пулии онвақтаро[79] метавон бо ду хусусияти асосии он тавсиф намуд: яке ин аст, ки аҳамияти пули тилло дар ин давра нисбат ба замони гузашта хеле меафзояд. Дуруст аст, ки ин пулро мисли пештара бо баркаш

[77] Гюзалян Л., 1938, с. 217 ва мобаъд
[78] Весселовский Н. И., 1910
[79] Давидович Е. А., 1960 а, с. 92–117.

қабул мекунанд. Вале роли он ҳамчун воситаи муомилот афзунтар мегардад. Пули тилло дар аксари шаҳрҳои Осиёи Миёна бароварда мешавад ва он ба бозор роҳ меёбад, ки пеш ин тавр набуд. Дигар хусусияти сиккаҳои онвақтаи Осиёи Миёна бо ҳодисае, ки «буҳрони пули нуқра» ном гирифтааст, алоқаманд мебошад. Аз асри XI дар давлатҳои шарқ иёри пули нуқра ба поин рӯ мениҳад ва дар баъзе мавридҳо вазни он кам мешавад. Дирҳамҳои камиёр дигар ба Аврупои шарқӣ бароварда намешаванд. Ҳудуди гардиши онҳо танг шуда, ҳамчун пули камарзиш фақат дар дохили давлате, ки онҳоро баровардааст, гардиш мекунанд.

Ҷараёни таназзули пули нуқра дар ҳар давлат ба таври гуногун сурат мегирифт. Масалан, дар давлати Ғазнавиён ин ҳолат нисбатан сусттар ба амал меомад. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писари ӯ – Масъуд аз Ҳиндустон чунон сарвате ба ғорат бурда буданд, ки чанд муддат қурби пули нуқраро нигоҳ дошта тавонист.

Дар сиккаи онҳо 70–76% нуқраи холис мавҷуд буда, дирҳамҳои пуриёре, ки 95% нуқра доштанд, ҳанӯз роиҷ буданд. Аммо дар худи ҳамин вақт дирҳамҳои қарохонии зарби навоҳии ҷануби Осиёи Миёна ҳамагӣ дорои қариб 20% нуқра буданд.

Дар Фарғонаи миёнаҳои асри XI, ки таҳти нуфузи Қарохониёни шарқӣ воқеъ гардида буд, дирҳамҳои тамоман бенуқра бароварда мешуданд. Ин қабил дирҳамҳо аз омезиши мис ва сурб сохта шуда, ҳатто аз муомилоти ададӣ маҳрум буданд. Дуруст аст, ки баъдтар сардори давлати Қарохониёни ғарбӣ – Иброҳими Тамғоҷхон Фарғонаро забт намуда, пулҳое баровард, ки дар таркиби худ ба ҳисоби миёна 20% нуқра доштанд. Вале ин ҳам дер давом накард. Дар асри XII Қарохониён дирҳамҳои мисии бо варақаҳои тунуки нуқра рӯкашшударо бароварданд. Илова бар ин, дар Осиёи Миёна дирҳамҳои мисии аз давраи гузашта меросмонда низ мавҷудияти худро дар муомила давом медоданд. Ҳамаи ин сиккаҳо дар доираи гардиши пули нуқра амал намуда, зоҳиран дар тиҷорат пули нуқраи ҳақиқиро иваз мекарданд. Бинобар ии қувваи харид ва нархи муқаррарии онҳо аз арзишашон болотар буд.

Баъзе муҳаққиқон қадре пештар аз ин ба Аврупо гузаштани нуқра ва камёб шудани ин филизи гаронбаҳоро сабабгори буҳрони пули нуқра донистаанд. Ин, албатта, омили хеле муҳим аст, вале ба сари худ боиси шикасти пул шуда наметавонад. Дар дигар давраҳо ҳам, дар сурати мавҷуд будани чунин захираи нуқра сиккаҳои пуриёр мебароварданд, фақат муносибати онҳо бо тилло ва қурби онҳо тағйир меёфт. Дар ин маврид маҳз тараққиёти пуравҷи шаҳрҳо, истеҳсолоти молӣ ва тиҷорати пулӣ чунон миқдори пул, яъне воситаи муомилотро талаб намуд, ки онро ба василаи зарби сиккаҳои комилиёр қонеъ кардан аз имкон берун буд. Талаботи афзудаи бозор, аз як тараф, ҳаракати тиллоро зиёдтар намояд, аз тарафи дигар, ба баровардани пулҳои камиёр водор мекард. Ба ҳар васила бештар пул баровардан лозим буд.

Аз ин тавсифи хоҷагии пулии асрҳои XI–XII ва ибтидои асри XIII муносибатҳои хеле боравнақи молию пулии онвақта равшан мегардад. Агар дар ин маврид ба муносибатҳои молию пулӣ кашида шудани гӯшаҳои дурдаст, аз он ҷумла, навоҳии кӯҳистон ба назар гирифта шавад, дар таърихи инкишофи муносибатҳои молию пулии Осиёи Миёнаи асримиёнагӣ то чи андоза мавқеи хоса доштани давраи таҳқиқ кардаистодаи мо аён мегардад.

# 3. МАДАНИЯТИ АСРИ XI–ИБТИДОИ АСРИ XIII

## Бинокорӣ, меъморӣ ва ҳунари амалӣ

Аз асрҳои XI–XII ва ибтидои асри XIII миқдори зиёди осори меъмории муҳташам то замони мо омада расидааст. Ин албатта, бесабаб нест. Агар теъдоди ин биноҳои таърихӣ бо маълумоти роҷеъ ба сохтмони қасрҳо, масҷидҳо, ҳаммомҳо ва ғайра муқоиса карда шавад, овони авҷи бинокорӣ будани давраи мавриди тадқиқи мо маълум мегардад. Зимнан, ин яке аз тазоҳурот ва далелҳои рушду тараққии шаҳрҳо, истеҳсолоти молӣ, тиҷорат, тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, пешрафти умумии иқтисодиёт мебошад. Вале ин давра на фақат бо миқдори иморатҳо, балки бо равнақи минбаъдаи афкори меъморӣ, усулҳои нави нақшакашиву тарҳрезӣ ва комёбиҳои соҳаи ороиши биноҳо шоёни таваҷҷуҳ аст.



Тоқи ҷанубии масҷиди Мағоки Атторӣ. Нимаи дуюми асри XII. Бухоро



Манораи Калон. Соли 1127. Бухоро



Манораи Ҷарқӯрғон. Солҳои 1108–1109

Дар сохтмони бошукӯҳи ин давра хишти пухта нисбат ба пештара мавқеи калонеро ишғол менамояд. Дар айни замон, масолеҳи бинокории пешина, аз қабили похса ва хишти хом, алалхусус, дар иморати қалъа, кӯшк ва қасрҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Гоҳо дар бинокорӣ ҳам хишти хом ва ҳам хишти пухтаро дар як вақт ба кор мебаранд. Масалан, девори биноро аз хишти хом ва гунбади онро аз хишти пухта месозанд ва ё девори аз хишти хом сохташударо бо хишти пухта рӯкаш мекунанд.

Намунаи хеле ҷолиби чунин сохтмон Қалъаи Болои ноҳияи Исфараи Тоҷикистон мебошад.[80] Ин кӯшкқалъа, ки дар асрҳои VI–VIII бино ёфта, дар асри X хароб гардида буд, дар асрҳои XI–XII дубора таъмир ва хеле мустаҳкам карда шуд. Ҳангоми таъмир хишти хом ва похсаро истифода намуда, бо хишти пухтаи дар маҳлули гаҷ хобондашуда рӯкаш кардаанд. Системаи мудофиавии аввала (асрҳои VI–VIII) бо сохтани ду манораи росткунҷа дар тарафи даромадгоҳи шарқии қалъа боз ҳам қавитар карда шуд. Дар асрҳои XI–XII он аз як хонаи калони расмӣ, ҳавлича ва ду қатори хонаҳои дарун ба даруни ҳамдолон иборат буд. Болои хонаҳоро гунбазҳои аз хишти хом сохташуда мепӯшиданд. Инро метавон инкишофи эҷодии тарҳи меъмории замони гузашта номид: долони иморат ҳамчун ҳавличаи чароғон масъалаи ба равшанӣ таъмин кардани хонаҳоро ҳал менамуд ва ҳар хона аз панҷараи дар ё худ аз тирезаи болои он равшан мешуд. Бояд қайд кард, ки аз қалъа шишаи мусаттаҳи тирезаи мансуб ба он замин ёфт шудааст. Он вақтҳо дигар васила ва заруроти зист низ вуҷуд доштанд, дар саҳни суфа чоҳҳои амиқе барои рехтани ахлот ва партовҳо канда, болои онҳоро бо хишти хом мустаҳкам мекарданд ва рӯйи онро бо сарпӯши чӯбии гиландуд мепӯшиданд.

Дар ин давра сохтмони қасрҳо хеле вусъат ёфт. Қасрҳои ҳокимони Хатлон, Тирмиз ва амирони ғазнавӣ, ки аз тарафи бостоншиносон дар Ҳулбук (ҷануби Тоҷикистон), Тирмиз, ҳаволии Ғазна ва Лашкари Бозор кашф шудаанд, дар ин бора гувоҳӣ медиҳанд.

Қасри Ҳулбук[81] дар даруни арки шаҳр воқеъ гардидааст. Ин мавқеъ бисёр хусусиятҳои онро муайян менамояд. Қаср дар рӯйи суфаи баланде сохта шуда, аз маҷмӯи мураккаби биноҳои расмӣ иқоматӣ ва хоҷагӣ иборат аст. Вай асосан аз похса ва хишти хом сохта шуда, дар баъзе ҷойҳо, дар рӯкаши тоқу деворҳо ба кор бурда шудааст. Аз васоити зист ташноб ва чоҳи хокрӯбаи гунбазчадор (монанди Қалъаи Боло) ва системаи гармкунандаи манзилро, ки аз зери иморат гузаронида шудааст, метавон ном бурд. Қаср ороишоти фаровоне дорад. Хусусан ҷойҳои кандакории он, ки аз нақшу нигори ҳандасиву наботӣ ва катибаҳои аҷоибе фароҳам омадааст, хеле ҷолиби диққат мебошад. Дар бисёр қисматҳои ин нигоришот рангубори он маҳфуз мондааст. Ба ҷойҳои кандашуда рангҳои нилобӣ ва сурх додаанд, ки хеле назаррабо буда, аз завқи баланди ҳунармандони он замон гувоҳӣ медиҳад. Устоҳои гулдаст дар вақти ба фарши хона «паркетвор» чидани хиштҳои пухта низ хеле ҳунарнамоӣ кардаанд. Ин қаср мавҷудияти худро дар давоми асрҳо нигоҳ дошта, борҳо таъмир ва тармим ёфтааст. Дар асри XI қисми ҷанубии нисбатан баландтари он аз маҷмӯи иморатҳое иборат буд, ки бо ду долони васеи тоқдор

---

[80] Давидович Е. А., 1958, с. 83–90, 100–103 ва тасвири 70 дар с. 94.
[81] Давидович Е. А., Литвинский Б. А., 1954; Ғуломова Э., 1961, 1962, 1964; 1968.

чор тақсим мешуд. Гурӯҳи иморатҳои шимолии қаср қадре поинтар воқеъ гардида, онро роҳраве, ки ба яке аз долонҳои тоқдори қисми ҷанубӣ мебурд, бурида мегузашт.

Системаи мудофиавии қалъаи Ҳулбук маҳфуз намондааст. Маълум, ки ҳам Қалъаи Боло ва ҳам қасри Ҳулбук дар як вақт ду вазифаро адо мекарданд: ҳам қаср ва ҳам қалъа буданд, ки ин масоҳат ва намуди онҳоро муайян кардааст.



Мақбараи Текеш. Ибтидои асри XIII. Кӯҳна Урганҷ

Дигар се қасре, ки мо дар боло ном бурдем, аз ин қасрҳо фарқ доранд. Онҳо озодона дар майдони васее ҷой гирифта, ягон вазифаи мудофиавиро адо намекарданд. Қасри берунишаҳрии дар наздикии Ғазна воқеъгардида,[82] ки қароргоҳи Масъуди III Ғазнавӣ (1099–1115) буда, сохтмони он, бар тибқи яке аз катибаҳо, соли 1112 анҷом ёфтааст, хеле бошукӯҳ ва олист. Майдони қаср ба шакли зузана буда, бо девор иҳота шудааст. Дар миёнҷои майдони қаср ҳавлии калоне воқеъ гардидааст, ки дарозиаш 50,6 метр ва бараш 31,9 метр мебошад.

Қисми марказии онро ба масоҳати 40,4 Х 23,5 метр мармар фарш намуда, дар гирди он низ аз тахтасангҳои мармарӣ роҳрави васеъ сохтаанд. Дар чор тарафи ҳавлӣ чор айвон сохта шудааст: яке аз ин айвонҳо дарозрӯя буда, ҳамчун даҳлези даромадгоҳ хизмат мекард ва айвони рӯбарӯи он ба толори салтанатӣ мебурд. Дар ин айвонҳо 32 тоқи вуруд мавҷуд аст, ки ба утоқи манзилҳои гуногуни қаср роҳ мекушояд. Нақшу нигорҳои тарафи беруни ин тоқҳо бисёр зебост. Қисми поинтари онҳо мармаркорӣ шуда, бо нақшҳои ҳаккокии ҳандасию наботӣ ва катибаҳои куфӣ ороиш ёфтааст. Ҳусни хатти навиштаҷот хеле ҷалӣ ва нафис буда, мазмунан қасидаҳои тоҷикию форсианд, ки дар мадҳи ҳокимони ғазнавӣ гуфта шудаанд. Ин яке аз қадимтарин осори катибаи форсӣ ба шумор меравад. Қисми болои девор ва гунбади тоқҳо бо гилгул ва сафолҳои кандакоришудаи зарду сурху кабудранг зинат ёфтааст.

Қасри берунишаҳрии дигар дар шаҳристони қадимаи Тирмиз кашф гардид[83]. Ин ҷо дар мобайни ҳавлӣ, рӯбарӯи айвоне, ки вазифаи даромадгоҳи толори қабулро адо мекард, ҳавзе вуҷуд дошт. Толори қабул аз бинои калони росткунҷае иборат буд, ки ду қатор сутунҳои ғафси росткунҷа онро ба се қисмат ҷудо менамуд. Девору сутунҳо бо хиштҳои пухтаи нақшин ва кандакоришуда чунон рӯкаш гардида буданд, ки дар пеши назар нақшу нигори барҷаста ва хеле зеборо намоён мекарданд. Дар асри XII тамоми ин ороишоти хиштӣ бо гулгаҷ пӯшида шуд. Нақшу нигори рӯйи гаҷ ба лавҳаҳои васеи росткунҷа тақсим гардида, ҳар як лавҳа бо шаклҳои гуногуни ҳандасию наботӣ, тасвирҳои асотирии ҳайвонот ва катибаҳо зебу зинат пайдо менамуд.

Мо дар хусуси тарҳи маҷмӯи мураккаби осори меъмории Лашкари Бозор[84] тавaққуф накарда, фақат фаровонӣ ва гуногунии ороишоти онро хотирнишон месозем. Дар ин ҷо хусусан намунаҳои ҳунари наққошӣ ва суратгарӣ ҷолиби диққат аст. Дар девори толори қабул қариб 50 сурати сарбозони мусаллаҳ аз гвардияи подшоҳони ғазнавӣ боқӣ мондааст. Сурат ва нақшу нигорҳои деворӣ дар толори дигар ҳам, ки, зоҳиран, базмгоҳ будааст, маҳфуз мондаанд. Дар лавҳаҳои ин ҷо дарбориёни босавлат тасвир ёфтаанд ва дар яке аз сутунҳо сари хамидаи ҷавоне кашида шудааст. Нақшҳо ҳама сатҳианд. Бар тибқи маълумоти сарчашмаҳо, дар аҳди Ғазнавиён ин сабки ҳунари наққошӣ, умуман, хеле интишор ёфта будааст.

---

[82] Scerrato U., 1959; Bombaci., 1966.

[83] Жуков В.Д., 1945; Пугаченкова Г.А., Ремпел Л.С, 1965, с.190-192 (дар с. 406-407 рӯйхати адабиёт дода шудааст)

[84] Арунова М. Р., 1959, с. 91–93; Пугаченкова Г.А., 1963, с. 114–121.



Зарфҳои нақшини сафолии Осиёи Миёна. Асри XI



Дев. Кандакории рӯйи чӯб. Асри XII.
Қасри ҳокимони Тирмиз



Ҳованҳои биринҷии Осиёи Миёна. Асрҳои XI–XII

Яке аз беҳтарин осори меъмории асри XI Работи Малик мебошад. Даруни ҳавлиро манзилҳои камбари якхела иҳота кардаанд, девори атрофи он аз кулӯх, вале рӯйкаши он, инчунин сардарӣ ва болои манораҳои кунҷӣ аз хишти пухта сохта шудааст. Девори даромадгоҳи асосӣ, ба тақлиди қалъа андаке нишеб буда, бо нақшҳои рахдор, ки нимсутунҳои фурӯнокро пеши назар меоранд, ороиш ёфтааст. Дар ороиши сардарӣ ҳар гуна нақшҳои барҷаста аз хишт, гилгул, сафолҳои кандакоришуда ва катибаҳои аз қасри Ғазна қадимтари форсӣ истифода шудааст. Дар Работи Малик анъана ва падидаҳои навин чунон мутаносибан ба ҳам омехтааст, ки махлути унсурҳои гуногун будани нақшҳои девор ва ороишоти сардарӣ ҳеҷ эҳсос намегардад.

Осори динию парастишӣ, аз қабили масҷид, манора, хусусан мақбараҳо нисбатан бештар боқӣ мондаанд. Масҷиди Деггарони деҳаи Ҳазора (наздикии Бухоро) бинои мукаабшаклест бо гунбази мобайнӣ, ки ба чор пояи мудаввар устувор аст ва дарҳои паҳлуии вай қуббачаҳо дорад. Масҷиди Тирмиз аввалҳо ба намуди айвони кушоди сегунбаза буд, баъдтар миқдори сутунҳо ва гунбазҳои болои онҳо зиёдтар карда шуда, он ба бинои пӯшида мубаддал гардид. Масҷиди Мағоки Аттори Бухоро (асри XII) шаш сутунпоя, дувоздаҳ қубба ва тоқи выруд дорад. Гунбази марказии масҷиди Лашкари Бозор рӯйи чор сутун қарор гирифта, паҳлударҳои он бо якчанд қуббачаҳо пӯшида шудааст.

Манораҳои он замон аз ҷиҳати шакл ва таносуб хеле гуногунанд: манораи Бухоро мудавваршакл, бузург ва муҳташам аст, манораи Вобканди наздикии Бухоро таносуби тамоман дигари бисёр мавзун ва муназзаме дорад. Сари манораи Ҷарқӯрғон (воқеъ дар вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон) бо раххои чин-чин зинат ёфтааст. Манораи Масъуди III дар наздикии Ғазна ба шакли ситора сохта шудааст. Манораи Ҷом дар асоси худ ҳаштрӯя аст ва се қисмати мудаввари он торафт борик шуда, то боло мерасад.

Мақбараҳои онвақтаи ашхоси динӣ ва омӣ ё тамоман аз хишти пухта ва ё аз омехтаи хиштҳои пухтаву хом бино ёфтаанд. Мақбараҳо гунбазнок буда,

дар доштанд ва гоҳо бедар ҳам мешуданд. Яке ба дигаре монанд набуд, ҳар кадом шаклу намуди махсуси худро дошт, ҳамон як марому мақсад дар ҳар яке ба таври худ таҷассум меёфт. Мақбараҳои султон Санҷар дар Марв ва Абӯсаид дар Майхона (Туркманистон), мақбараи Қарохониён дар Ӯзганд (Қирғизистон), мақбараҳои деҳоти Сайёд ва Хоҷа Нақшрон дар наздикии шаҳри Турсунзода, сохтмонҳои меъмории Чоркӯҳ (Тоҷикистон) ва ғайра саҳифаҳои махсус ва дурахшони таърихи санъати меъмории Осиёи Миёна аст, ки меъморон ва бинокорони асрҳои XI–XII музайян намудаанд.



Офтобаи биринҷӣ. Асрҳои XI–XII

Дар ин давра ҳунари амалӣ ҳам ба пояи баланди тараққӣ ва такомули худ мерасад. Намунаҳои ҳаккокии рӯйи гаҷ, чӯб ва мармар, инчунин сафолҳои кандакоришуда хеле олӣ ва бошукӯҳанд. Устоҳои гулдаст дар сохтани нақшҳои ҳандасию наботӣ ва тасвири асотирии ҳайвонот ҳунарнамоии ҳайратангезе кардаанд. Хусусан катибаҳои гулхатти куфӣ ва насх диққати ҳар бинандаро ба худ мекашад. Нақшу нигори хеле ҷолиб ва дилчасп гоҳо бо одитарин воситаҳо: ба ҳар шакл чидани хиштҳо ва дар нақшҳо истифода намудани хиштрезаҳои тарошида ва суфта ба вуҷуд оварда мешуд. Дар сабк ва тариқи ороишоти сохтмонҳои бошукӯҳи ин замон анъанаи давраҳои гузашта давом ва инкишоф ёфта, дар айни вақт нававарии устоҳои бинокор низ ба назар мерасад. Омезиши анъана ва навпардозӣ дар зебу зинат ва ороиши ёдгориҳои меъмории асрҳои XI–XII ва ибтидои асри XIII ҷиҳатҳои ба худ хос ва такрорнашавандае бахшидааст.

## Илму адаби тоҷик дар асри XI– аввали асри XIII

Тағйироти сиёсии охирҳои асри X, яъне аз байн рафтани давлати Сомонӣ, ба Мовароуннаҳр соҳиб шудани Қарохониҳо ва ба дасти Ғазнавиён гузаштани Хуросон ба ҳаёти фаннӣ ва адабии халқи тоҷик таъсир накарда натавонист. Тараққиёти илм ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна, пешрафти забони дарӣ ва адабиёти тоҷик дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай ва задухӯрдҳои дохилӣ то як дараҷа боздошта шуд.

Ба вуҷуд омадани давлати бузурги Маҳмуди Ғазнавӣ ва ба як марказ муттаҳид гардидани тамоми хоки Хуросон, Чағониён, Хатлон, Тахористон,

қисми асосии Эрон ва шимоли Ҳиндустон барои равнақи илму фан ва адабиёт аз нав баъзе шароит ва имкониятҳо фароҳам овард.

Дар ин давра муносибати Осиёи Миёна, махсусан Хуросон ва Тахористон бо Бағдод тақвият ёфта, нуфузи Бағдод дар давлати ғазнавӣ, дар Мовароуннаҳр ва Хуросон хеле афзуд. Ин муносибат, дар навбати худ, боиси он шуд, ки дар айёми Ғазнавиён забони арабӣ ниҳоятдараҷа паҳн гардид. Агар дар аввалҳо корҳои девон (идораи роҷеъ ба мукотибаҳои давлатӣ) ба забони дарӣ анҷом меёфта бошад, акнун комилан ба забони арабӣ гузашт. Дар девон бештар одамони арабидон ба кор кашида шуданд. Аз ин ҷост, ки аз давраи Ғазнавиён сар карда калима ва ибораҳои арабӣ беш аз пеш ба забони тоҷикӣ дохил шудан гирифтанд.

Дар он замон адабиёти тоҷик асосан дар пойтахти давлати ғазнавӣ марказият пайдо намуд. Чи навъе ки сарчашмаҳои адабӣ қайд кардаанд, ба дарбори султон Маҳмуд чандин даҳҳо шоирон гирд омада буданд. Султон Маҳмуд маҳз барои шуҳрат ёфтан ва мавриди мадҳу ситоиш қарор додани корнамоиҳои худ ҳомии адабиёт гардид. Аз ҳамин сабаб ҳам, жанри қасидаи мадҳия дар ин давра хеле ривоҷ гирифт.

Яке аз шоирони бузурги қасидасаро, ки дар дарбори султон Маҳмуд ба унвони «Маликушшуаро» мушарраф гардида буд, Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ мебошад, ки дар солҳои 60-уми асри X таваллуд ёфта, соли 1039 вафот намудааст. Ӯ пас аз таҳсили илму ҳунар, ба воситаи бародари султон Маҳмуд амир Наср ба дарбори давлати ғазнавӣ роҳ ёфт. Унсурӣ дар аксарияти лашкаркашиҳои султон Маҳмуд иштирок намуда, қисми асосии қасидаҳои худро ба васфи ғалабаҳои султон бахшидааст. Муосиронаш ӯро чун устоди забардасти сухан бисёр таъриф ва таҳсин кардаанд. Ба қалами ӯ чанд маснавии ошиқона, ки порчаҳои парокандаи онҳо то замони мо расидаанд, аз ҷумла, маснавии «Вомиқ ва Узро» тааллуқ доранд. Унсурӣ сабки баёни мураккаб ва пуристиораи қасидаи мадҳияро ба адабиёти форсу тоҷик татбиқ намуд.

*Абулҳасан Алии Фаррухӣ* (вафоташ соли 1038) ва Абӯнаҷм Аҳмади Манучеҳрӣ (вафоташ соли 1041) низ аз намоёнтарин шоирони дарбори ғазнавӣ буданд.

Умуман, мавзӯъҳои мадеҳавӣ ва айшӣ ба назми доираи Ғазна хос аст. Шоирони ин давра жанрҳои адабии аҳди Сомониёнро инкишоф медоданд. Онҳо махзани воситаҳои тасвири бадеии адабиёти форсу тоҷикро ғанитар гардонида, сабку санъатҳои нави шеъриро низ ба миён гузоштанд.

Нашъунамои илму фани асри X, ки дар шароити истиқлолияти давлатӣ ба амал меомад, дар асри XI низ давом намуд. Намояндаи барҷастаи илм ва донишманди бузурги ин давра Абӯалӣ ибни Сино буд, ки тавсифи ӯ дар фасли гузашта оварда шуд.

Дигар аз олимони маъруфи ин давра Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (973–1051) мебошад. Берунӣ дар яке аз деҳоти атрофи шаҳри Хоразм таваллуд ёфтааст. Аз рӯйи нақлу ривоятҳо, ӯ тамоми умри худро барои азхуд кардани дониш сарф намуда, ғайр аз ҷашнҳои Наврӯз (иди соли нав, 21 март) ва Меҳргон (иди ҳосилғундорӣ, 21 сентябр) дигар ҳама вақт машғули корҳои илмӣ будааст.

Берунӣ ба саёҳат шавқи зиёде дошт ва асосан бо мақсадҳои илмӣ мусофират менамуд. Яке аз маҳалҳое, ки ӯ то як андоза бештар истиқомат кардааст, Ҷурҷон (Гургон) ном вилояти канори баҳри Хазар мебошад. Дар вақти ба Ҷурҷон омадани ӯ Қобус ибни Вушмгир (976–1012) ҳукмрони он ҷо буд. Қобус яке аз одамони фозил, донишманди адабиёт ва ҳомии илм ҳисоб мешуд. Худи ӯ низ якчанд асар таълиф намудааст. Берунӣ дар солҳои 999– 1000 «ал-Осор-ул-боқия ан ал-қурун-ил-ҳолия» ном асари худро ба поён расонд. Ӯ дар ин асар тақвим ва санаҳо, инчунин ҷашнҳои суғдиён, хоразмиёни қадим, форсҳо, юнониён, яҳудиён, исавиён ва мусулмононро тасвир намудааст. Ин асар муҳимтарин сарчашмаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва тамоми Шарқ мебошад.

Берунӣ дар соли 1010 аз саёҳат баргашта ба Хоразм омад. Дар ин ҷо ӯ бо бисёр олимоне, ки дар натиҷаи табаддулоти сиёсии охирҳои асри X аз Бухоро ва соири шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон гурехта, ба Хоразм ҷамъ шуда буданд, мулоқот кард. Сарчашмаҳо хотирнишон мекунанд, ки хоразмшоҳ - Маъмуни Сонӣ аҳли илму фан, аз ҷумла, Беруниро ба таҳти ҳимояи худ гирифт. Вале дар соли 1017 султон Маҳмуди Ғазнавӣ пас аз забт кардани Хоразм Беруниро ҳамроҳи худ ба Ғазнин бурд. Ба ин тариқа, фаъолияти минбаъдаи илмии Берунӣ дар Ғазнин давом кард.

Берунӣ дар лашкаркашиҳои султон Маҳмуд иштирок намуд ва ҳангоми дар Ҳиндустон буданаш забони санскритӣ, урфу одат ва хулқу атвори халқҳои ин мамлакатро омӯхта, пас аз бозгаштан аз мусофират «Таҳрири моли-л-Ҳинд мин мақала мақбула фи-л-ақлаҳу марзула» ном асаре навишт, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои доир ба таърихи Ҳиндустон ба шумор меравад.

Берунӣ доир ба масъалаҳои илми ҳайат, ҳандаса ва нуҷум ду асари машҳур дорад. Яке аз ин асарҳо дар соли 1024 дар Ғазнин ба забони арабӣ таълиф ёфта, ба Райҳона ном духтари ал-Ҳасан (аз хонадони хоразмшоҳӣ) бахшида шудааст. Дигарӣ «ал-Қонун-ул-Масъудӣ фи-л-ҳайъа ва-н-нуҷум» мебошад, ки муаллиф онро дар байни солҳои 1030–1036 ба номи султон Масъуд навиштааст. Ин асар дар олами шарқ оид ба ин соҳа аввалин асари илмӣ буд, ки барои тартиб додани харитаҳои ҷуғрофӣ ҳамчун дастуре хидмат намуд.

Ғайр аз таълифоти номбаршуда Берунӣ боз чандин асари илмӣ ба вуҷуд овардааст, лекин, мутаассифона, аксарияти онҳо то давраи мо омада нарасидаанд. Олими сайёҳи асримиёнагии араб Ёқут менависад, ки ӯ дар яке аз масҷидҳои Марв дар байни вақфномаҳо рӯйхати аз 60 саҳифа фароҳамомадаи асарҳои Беруниро пайдо намудааст. «Номаи донишварон», ки дар миёнаҳои асри XIX дар Эрон тартиб дода шудааст, шумораи асарҳои боқимондаи ӯро 27 адад нишон медиҳад. Дар солҳои охир аз баъзе китобхонаҳои ҷаҳон асарҳои ҳанӯз номаълуми Берунӣ ёфт шудаанд.

Аҳамияти асарҳои Берунӣ бағоят бузург мебошад. Ӯ ба воситаи як қатор тадқиқот ва кашфиёти худ на фақат ба пешрафти илму фанни замонааш мусоидат кард, дар айни замон аз савияи дониши ондавра чунон пеш гузашт, ки аксар вақт дар асарҳои худ ба баъзе далел ва мадракҳои фанни имрӯза наздик мешавад. Чунончи, назарияи ӯ доир ба таърихи намуди сатҳи замини (ландшафти) пастии шимоли Ҳиндустон ва оид ба сайри тағйироти ҷараёни дарёи Аму ба ин иддао шаҳодат медиҳад.[84a]

---

[84a] Ниг.: Берунӣ, 1950; Берунӣ, 1957; 1963

Берунӣ аз таассуби динӣ ва муносибати душманона нисбат ба маданияти мардуми ғайримусулмон тамоман дур буд. Масалан, ҳамаи асарҳои ба Ҳиндустон бахшидаи ӯ аз рӯҳ ва эҳсосоти олии эҳтиром ба маданияти бузурги Ҳинд саршоранд. Аз ҳамин сабаб ҳам Берунӣ дар Ҳиндустон ва Покистон шуҳрат ва маҳбубияти зиёде пайдо кардааст.

Дар нимаи аввали асри XI таърихнависӣ ҳам тараққӣ кард. Абӯнасри Утбӣ (яке аз дарбориёни Маҳмуди Ғазнавӣ) ба номи султон «Таърихи Яминӣ»[85] ном асаре ба забони арабӣ таълиф намуд, ки он дар бораи давраи ҳукмронии Сабуктегин ва Маҳмуд бисёр маълумоти муҳимеро дар бар гирифтааст.

Яке аз муаррихони машҳури давраи Ғазнавиён Абӯсаиди Гардезӣ[86] буд. Ӯ дар байни солҳои 1048–1052 ба забони тоҷикӣ китобе бо унвони «Зайн-ул-ахбор» навиштааст.

Ниҳоят, бузургтарин муаррихи давраи Ғазнавиён – Абулфазли Байҳақӣ (995–1077) мебошад. Абулфазл муддати нуздаҳ сол дар девони расоили Ғазнавиён вазифаи мунширо адо намуда, тақрибан тамоми воқеаҳои муҳимми он давраро бо чашми худ дид, пас иборат аз 30 ҷилд китобе ба забони тоҷикӣ таълиф намуд.[87] Вале аз ин китоби муҳимми таърихӣ фақат якчанд ҷилди ноқис ва парокандае боқӣ мондааст, ки дар шарҳи аҳволот, салтанат ва воқеаҳои давраи султон Масъуд буда, бо номи «Таърихи Масъудӣ» ё худ «Таърихи Байҳақӣ»[88] машҳур аст. Ин ҷилдҳо танҳо камтарин қисмате аз он асари бузурги таърихии ин муаллиф ҳисоб мешаванд.

Дар давлати Қарохониҳо илму фан ва адабиёт дар ин давра хеле ақиб меравад. Чи навъе ки Муҳаммади Авфӣ дар тазкираи асри XIII менависад, аз хонҳои қарохонӣ фақат як Қилич Тамғочхон ба тараққиёти илм ва адабиёт андаке аҳамият додааст. Бо вуҷуди ин, якчанд асарҳоеро, ки дар асри XI дар Мовароуннаҳр ба майдон омадаанд, ном бурдан мумкин аст. Чунончи, «Таърихи мулки Туркистон»-и Маҷдуддин Муҳаммад ибни Аднон ва ғайра, ки аз онҳо ба ҷуз баъзе порчаҳои ҷудогона то давраи мо чизе омада нарасидааст.

Ба ҳар ҳол, дар ин давра адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр ҳам баъзе шоирони боистеъдод, монанди Амъақи Бухороӣ (вафоташ соли 1149), Сӯзании Самарқандӣ (вафоташ соли 1173), Рашидии Самарқандӣ ва ғайраро ба камол расонид. Вале ин шоирон аз ҷиҳати аҳамияти эҷодиёти худ бо гузаштагонашон баробар шуда наметавонистанд.

Амъақ ва Сӯзанӣ дар сабк ва тафаккури бадеӣ аз якдигар хеле тафовут доранд. Эҷодиёти Амъақ, ки шоири дарбор аст, пур аз зарофат буда, шакли шеъриро ба авҷи такомул расонидааст. Бесабаб нест, ки донишмандони адаб ашъори ӯро дар дастурномаҳои илми баён, ҳамчун намунаи тақлид ва пайравӣ зикр кардаанд. Сӯзанӣ, баръакс, шоири берун аз дарбор, намояндаи назми доираи ҳунармандони шаҳр аст. Албатта, гоҳо ба ӯ ҳам лозим меомад, ки барои дарёфти маош қасидаҳои мадҳия гӯяд, вале ӯ беш аз ҳама бо ҳаҷвияҳои худ, ки бо забони

[85] Маънои луғавии калимаи «ямин» дасти рост аст. Яке аз лақабҳои султон Маҳмуд «Ямин-уд-давла» буд. Маънои «ямин-уд-давла» қудрат ва қуввати давлат ё «дасти рости давлат» мешавад.

[86] Гардез – номи ҷоест, ки дар масофати якрӯза роҳ дуртар аз Ғазна, дар қадди роҳи Ҳиндустон воқеъ шудааст.

[87] Дар сарчашмаҳо бо номҳои гуногун зикр мешавад.

[88] Тарҷумаи русии он: Абулфазл Бейҳақӣ, 1962, 1969

содаи ба сабки гуфтугӯ наздик навишта шудаанд, машҳур аст. Маром ва оҳангҳои демократии эҷодиёти ӯро шоирони давраҳои баъдина давом додаанд.

Нимаи дувуми асри XI ва ибтидои асри XIII дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Миёна мавқеи бузурге ишғол менамояд. Ба атрофи як марказ муттаҳид гардидани Мовароуннаҳр, Хуросон ва Тахористон, ки дар замони Салҷуқиён ба амал омад, дар шаҳрҳои Нишопур, Марв, Балх ва қисман Ҳирот фаъолияти фикриро эҳё намуда, барои дар ин марказҳои нави маданӣ ҷамъ шудани аҳли илму адаб имкониятҳои фаровон муҳайё сохт.

Ҳаёт ва фаъолияти адабии чунин намояндагони маъруфи адабиёти тоҷик, монанди Асадии Тӯсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Фахриддини Гургонӣ, Авҳадиддини Анварӣ, Масъуди Саъди Салмон, Муиззӣ, Собири Тирмизӣ ва ғайра дар ҳамин давра ҷараён ёфтааст. Албатта, эҷодиёти ин адибон аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ ба як дараҷа набуда, балки дорои тафриқаҳои куллӣ мебошанд. Дар байни шоирони номбурда хусусан Носири Хусрав, Умари Хайём ва Фахриддини Гургонӣ, ки дар осори онҳо тамоили халқӣ ва тараққихоҳӣ бартарӣ пайдо кардааст, мақоми барҷастае доранд.

*Носири Хусрав* (1004–1080) баргузидатарини шоирони ин давра мебошад. Ӯ дар ноҳияи Қубодиён, воқеъ дар Тоҷикистони кунунӣ, таваллуд ёфта, баъд аз гузаронидани давраи кӯдакӣ ба таҳсили илм, хусусан ба омӯхтани адабиёт ва масъалаҳои диниву фалсафӣ шуғл варзид.

Носири Хусрав дар айёми ҷавонӣ дарбори султон Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавиро дид ва чанд вақт дар дарбори Салҷуқиён ба сифати дабир хидмат намуда, сипас, ба мусофират баромад. Ӯ ҳанӯз ҳангоми ҷавонӣ Ҳиндустон, навоҳии Туркистон ва Афғонистони кунуниро саёҳат намуд. Носири Хусрав бо ҳамин ният мусофират мекард, ки аҳвол ва ақидаҳои мазҳабии халқҳои гуногунро таҳқиқ намояд. Вай дар зарфи ҳафт соли мусофирати худ Ҳиҷоз, Осиёи Сағир, Сурия ва Мисрро дида, бо зиндагонии мардумони он ҷо ва урфу одати онҳо шиносоӣ пайдо кард. Ниҳоят, дар Миср бо тарафдорони халифаҳои фотимӣ, сарварони тариқати исмоилӣ вохӯрда, худаш низ пайрави боғайрати ақидаи исмоилӣ гардид.[89]

Носири Хусрав пас аз бозгаштан ба Хуросон ва таваққуф кардан дар Балх ошкоро таълимоти исмоилиро таблиғ ва мардумро ба ин мазҳаб даъват намуд. Дар натиҷаи чунин фаъолияти худ ӯ ба таъқиби уламои исломӣ ва умарои салҷуқӣ дучор гардид. Вай ғайр аз ба тарзи пинҳонӣ зиндагонӣ кардан ва ба ҳолати гурезагӣ гаштан чораи дигар наёфт, аз шаҳре ба шаҳре рафта, дар ғурбат умр ба сар бурд.[90]

Чи навъе ки худи Носири Хусрав хотирнишон мекунад, ин давраи зиндагӣ барои ӯ хеле ба сахтӣ мегузашт.

Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,
Гӯӣ забун наёфт зи гетӣ магар маро.
Дар ҳоли хештан чу ҳаме жарф бингарам,
Сафро ҳамебарояд з-андӯҳ ба сар маро.

---

[89] Фарзе ҳаст, ки гӯё Носир то ба Миср рафтани худ ба таври махфӣ пайравии исмоилиҳоро қабул карда будааст.

[90] Дар бораи ҳаёти Носири Хусрав ниг.: Бертелс А.Е., 1959. Инчунин ниг. Носир Хисроу, 1954; Носири Хусрав, 1957; Насир-и Хусрау, 1935; Насир-и Хусрау, Сафар-наме; Ашуров Ғ., 1965

Гӯям: чаро нишонаи тири замона кард,
Чархи баланди ҷоҳили бедодгар маро?
Гар ба қиёси фазл бигаштӣ мадори даҳр,
Ҷуз бар мақарри моҳ набудӣ мақар маро.
Дониш беҳ аз зиёу беҳ аз ҷону молу мулк,
Ин хотири хатир чунин гуфт мар-маро.
Бо лашкари замонаву бо теғи тези даҳр
Дину хирад бас аст сипоҳу сипар маро.

Носири Хусрав пас аз мусофират асари машҳури таърихию ҷуғрофии худ «Сафарнома»-ро навишт[91] ва ҳам роҷеъ ба масъалаҳои ақидаи исмоилӣ рисолаҳои фалсафии «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ва соири асарҳоро таълиф намуд. Алалхусус девони шеър ва маснавиҳои «Рӯшноинома», «Саодатнома» ва ғайра қимати бузурге доранд.[92] Ӯ дар ашъори худ ғайр аз масъалаҳои динӣ ва фалсафӣ бисёр фикрҳои пешқадами тарбиявӣ ва ахлоқиро ҷой додааст. Дар шеърҳои ӯ, инчунин афкори инсонпарварӣ ва даҳриёна низ дида мешаванд. Носири Хусрав дар яке аз шеърҳои худ ба Худо рӯ оварда, мегӯяд:

Касе гар тухми ҷав дар кор дорад,
Зи ҷав гандум наёбад бидравидан.
Ту дар рӯзи азал оғоз кардӣ,
Уқубат дар абад боист дидан.
Ту гар хилқат намудӣ баҳри тоат,
Чаро боист шайтон офаридан?
Сухан бисёр бошад, ҷуръатам нест,
Нафас аз тарс натвонам кашидан...
Агар мехостӣ, к-инҳо напурсам,
Маро боист ҳайвон офаридан.
Агар дар ҳашр созам бо ту даъво,
Забонро бояд аз комам кашидан...
Бифармо, то сӯи дӯзах барандам
Чӣ масриф дорад ин гуфту шунидан?..
Ту додӣ рахна дар қалби башарҳо
Фани иблисро баҳри макидан...
Агар реге ба кафши худ надорӣ
Чаро боист шайтон офаридан?...
Ба мо фармон диҳӣ андар ибодат,
Ба шайтон дар рагу ҷонҳо давидан...
Агар некам ва гар бад хилқат аз туст,
Халиқе хуб бояд офаридан.[93]

---

[91] Ниг.: Насир-и Хусрау. Сафар-наме;
[92] Тахмин мекунанд, ки «Саодатнома» ба қалами ӯ тааллуқ надорад, балки моли муаллифи дигар аст, ки вай ҳам Носири Хусрав ном дошта, дар асри XIV дар Исфаҳон умр ба сар бурдааст.
[93] Хусрав Н., 1957, с. 40-45.

Шоир дар хусуси мардуми заҳматкаш бо ҳарорат ва самимияти тамом сухан ронда, подшоҳон, амалдорон, шайхони риёкор, хусусан шоирони маддоҳи ҳарисро сахт маломат кардааст.

Носири Хусрав то охири умри худ аз таъқиб халос нашуд. Пас аз он ки ӯ ба тарзи пинҳонӣ чанд гоҳ дар Хуросон, Табаристон ва Мозандарон иқомат кард, ба Бадахшон азимат намуда, дар Юмгон ном деҳаи кӯҳистонии он ҷо паноҳ бурд ва бақияи ҳаёти худро дар гӯшанишинӣ гузаронид.

Умари Хайём (1048–1131) дар Нишопур таваллуд ёфта, дар ҳамон ҷо таҳсили худро ба итмом расонид ва яке аз бузургтарин олимони асри XI гардид. Ӯ дар аксари илмҳои замони худ, махсусан дар ҳайат, риёзиёт ва фалсафа маҳорати зиёд пайдо кард ва доир ба ин соҳаҳо як қатор асарҳои илмӣ аз худ боқӣ гузошт. Вай дар аҳди Маликшоҳи Салҷуқӣ ҳамроҳи мунаҷҷимони вақт ба кори ислоҳоти тақвим сардорӣ намуд.

Шоири барҷастаи Шарқ Умари Хайём, алалхусус бо рубоиёти худ шуҳрат пайдо кардааст. Миқдори рубоиҳои ӯ зиёд нест, аммо аҳамияти онҳо, чи аз нуқтаи назари адабӣ ва чи аз ҷиҳати мазмуни фалсафӣ, хеле бузург аст. Маҳорати адабӣ, муҳокимаи файласуфона ва майли ба ҳақиқати ҳаёт материалистона наздик шудани Хайём натиҷае дод, ки рубоиёти ӯ то кунун аз гаронбаҳотарин дурдонаҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравасанд.

Ин аст яке аз рубоиёте, ки зодаи табъи ин шоири заковатманд мебошад:

Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,
К-озода ба коми дил расидӣ осон.[94]

Дар рубоиёти Умари Хайём одами сарбаланди озодманише тасвир ёфтааст, ки на аз эътибори ҳукмдорони замон ва на аз ҳарзаҳои динӣ дар бораи охират андеша надорад.

Дар байни шоирони асри XI аз ҷиҳати қувваи ифодаи кайфияти доираҳои шаҳр ва танқиди феодалон мавқеи махсусро Фахриддини Гургонӣ ишғол менамояд. Дар достони романтикии «Вис ва Ромин», ки дар қарибиҳои соли 1055 таълиф ёфта, ривояти қадимаи ошиқонаи паҳлавии портҳоро нақл менамояд, ҳаҷву тамасхури тундутези хулқу атвори подшоҳон ва дарбориёни онҳо нуҳуфтааст.[95] Дар интиҳои достон манзараи утопияи сотсиалӣ аз лиҳози тасаввуроти шаҳриёни онвақта тасвир карда мешавад.[96]

*Абӯнаср Асадии Тӯсӣ* (ваф. 1070) ба назираи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «Гаршоспнома»-ро таълиф кард. «Гаршоспнома» яке аз достонҳои қадимаи халқҳои эронинажод аст.

Асадӣ дар адабиёти тоҷику форс аввалин касест, ки шакли мунозираро эҷод кардааст. Ӯ дар ин бобат панҷ асар навишта, дар онҳо замину осмон, шабу рӯз, найзаву камон, муғу мусулмон, арабу форсро бо ҳамдигар мунозира кунонидааст. Илова бар ин, Асадӣ луғате ҳам тартиб додааст, ки аз осори

[94] Умари Хайём, 1963.
[95] Бертелс Е. Э., 1960, с. 284–285.
[96] Фахриддини Гургонӣ, 1963. Муқаддима.

тақрибан ҳаштод нафар шоирони он замон намунаҳо оварда шудаанд. Ҳоло аҳамияти таърихии ин луғат хеле бузург аст: вай намунаи бисёр асарҳои азбайнрафтаи шоирони он замон ва гузашта, аз ҷумла, порчаҳои «Калила ва Димна»-и манзуми Рӯдакиро дар бар дорад.

*Масъуди Саъди Салмон* (1046–1121) шоири дарбори Ғазнавиёни охир буд. Ӯ қисми зиёди умри худро дар Лоҳур, шимоли Ҳиндустон, гузаронид. Ба ин тариқа, вай яке аз аввалин намояндагони адабиёти форсу тоҷик дар Ҳиндустон ба шумор меравад, ки баъдтар дар ин ҷо назм ба забони форсӣ хеле ривоҷ ва интишор ёфт. Ӯ дар натиҷаи буҳтони душманони худ чандин мартаба ба зиндони султонҳо афтода, умуман, бештар аз 18 соли умраш дар маҳбусӣ гузаштааст.

Масъуди Саъди Салмон дар эҷодиёти худ ба эҳё кардани анъанаи мадҳу ситоиши иқтидори Ғазнавиён саъй намуда, ҳатто дар шеърҳояш аз Унсурӣ – маликушшуарои султон Маҳмуд иқтибосҳо меовард. Вале ӯ мадҳияҳои худро ба забони содаву фасеҳ офарида, онҳоро бо панду ҳикмат, андешаҳои фалсафӣ ва тасвири лавҳаҳои зебои зиндагӣ оро медиҳад.

Шоир дар солҳои маҳбусӣ марсияҳои пурсӯзу гудози «ҳабсия» эҷод намуда, аҳволи тоқатшикани худро баён менамояд ва аз беадолатиҳои замона забони шикоят мекушояд. Тақдири ин шоири боистеъдод хеле фоҷиаангез аст. Ҳам ҳаёт ва ҳам эҷодиёташ таҳти фишори шиканҷаҳои истибдоди феодалӣ қарор гирифтаанд.

*Амир Муҳаммади Муиззӣ* (ваф. қарибиҳои соли 1140) аслан аз Нишопур мебошад. Аксари асарҳои ӯро қасидаҳои мадҳия ташкил мекунанд, ки ба Маликшоҳ ва султон Санҷари Салҷуқӣ бахшида шудаанд. Ӯ дар вақти ҳукмронии султон Санҷар ба мартабаи баланди шоири дарбор расида, ба унвони «Маликушшуаро» сарфароз гардид.

*Адиб Собири Тирмизӣ* шоири ғазалсарои хуштабъе буд. Вай иҷборан ба хизмати султон Санҷари Салҷуқӣ кашида шуда, ҳаргуна супоришоти ӯро адо мекард. Рӯзе султон Санҷар бо коре ӯро ба Хоразм фиристод. Дар он ҷо бо фармони Отсизи Хоразмшоҳ вайро дастгир карда, ба ҷосусии Салҷуқиён айбдор намуданд ва дар соли 1151 ба дарёи Аму ғарқ кунониданд.

Адиб Собири Тирмизӣ девони қасоид ва ғазалиёт дорад.

*Авҳадиддини Анварӣ* (1126–1190) дар деҳаи Бадна, наздикии Майхона, воқеъ дар шимоли Хуросон, таваллуд ёфтааст. Ӯ ҳам монанди бисёр шоирони пешина дар овони ҷавонӣ тамоми илмҳои замонашро азхуд менамояд ва дар шоирӣ ном бароварда, ба дарбори султон Санҷари Салҷуқӣ даъват мешавад. Анварӣ қасидаҳои зиёде офаридааст, ки қариб ҳамаи онҳо ба султони Салҷуқӣ бахшида шудаанд. Бар тибқи ақидаи аксари адабиётшиносон жанри қасида тавассути эҷодиёти Анварӣ ба дараҷаи баланди камолоти худ мерасад. Қасидаҳои бо маҳорати фавқулода эҷодкардаи ӯ аз тағаззулоти ишқӣ, тафаккуроти фалсафӣ, тавсифоти олӣ ва дар баробари ин аз мадҳу санои султон Санҷар фароҳам омадаанд. Яке аз қасидаҳои машҳури ӯ, ки аз тарафи ғузҳо хароб гардидани Хоразмро тасвир мекунад, бо эҳсосоти самимонаи ватанпарварӣ фаро гирифта шудааст. Ғазалҳои Анварӣ ба лирикаи халқӣ ҳамоҳанг аст.

Анварӣ дар солҳои охири ҳаёти худ бемазмунӣ ва фасодии назми дарбориро фаҳмида, аз ин муҳит худро канор мекашад ва шеърҳое меофарад, ки ба муқобили мадҳиясароӣ нигаронида шудаанд.

Дар баробари пешрафти назм дар адабиёти классикии форсу тоҷик беҳтарин намунаҳои асарҳои насрӣ низ ба вуҷуд меоянд. Чунончи, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидаддини Ватвот, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ ва «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидаддини Балхӣ аз ҳамин қабил асарҳо ба шумор мераванд.

«Сиёсатнома» сарчашмаи хеле муҳимми таърихист, ки муаллифи он тартиби идораи давраи Салҷуқиёнро аз мавқеи тарафдори давлати марказиятноки феодалӣ танқид кардааст. Пас аз фавти Низомулмулк «Сиёсатнома» аз нав таҳрир ёфта, ба матни он иловаҳо дохил шуда буд. Бо вуҷуди ин, асари мазкур дар ҳамон шакле, ки то замони мо расидааст, осори хеле пурарзиши насри охири асри XI ба шумор меравад. Забони он сода ва равон аст.

«Чаҳор мақола»-и *Низомии Арӯзӣ* дар таҳқиқи ҳаёти маданӣ ва адабии асри муаллиф ва давраҳои пеш аз он сарчашмаи гаронбаҳоест. Фаслҳои асосии «мусоҳиботи» он ба тавсифи пешаҳои табиб, мунаҷҷим, шоир ва муншии дарбор бахшида шудаанд. Дар ҳар фасл яке аз ин пешаҳоро тавсиф намуда, доир ба намояндагони баргузидаи ин пеша даҳ ҳикоя ба тариқи мисол нақл карда мешавад. Ин китоб бештар аз ҳар гуна сарчашмаҳои дигар дар бораи шароити зиндагии ходимони маданияти он замон маълумот медиҳад. Хусусан ҳамон фасле, ки ба шоирон ва аҳволи бади онҳо дар давлати феодалӣ бахшида шудааст, қимати зиёде дорад.

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидаддини Ватвот асарест, ки шаклҳои шеъри онвақта, алалхусус образҳо ва санъатҳои шеъриро дақиқона тадқиқ ва тавзеҳ намуда, фикру мулоҳизаҳои хеле муҳимми эстетикиро дар бар гирифтааст.

«Синбоднома»[97]-и *Заҳирии Самарқандӣ* дар яке мавзӯъҳои маъмули қиссаҳои ахлоқии адабиёти Шарқ, ки аз макри зан баҳс мекунад, навишта шудааст. Тариқи нақли қисса дар қисса ба муаллиф имконият додааст, ки бисёр ҳикоятҳои тамсилиро ба сюжети асар дохил намояд. Дар ин ҳикоятҳо ба шакли ҷолибе моҳияти «илми идораи мамлакат» баён карда мешавад. Дар аксари онҳо сарзаниши ҳокимон ва истеҳзои нешдори хулқу атвори онон ба тариқи пардапӯш баён ёфтааст.

Китоби «Мақомоти Ҳамидӣ» ба шакли насри мусаҷҷаъ навишта шуда, аз 24 мақоми шавқангез иборат мебошад, ки ин мақомҳо аз маҷмӯи масал, муаммо, ҳикам ва ҳикоятҳои ибратомӯз фароҳам омадаанд.

Дар ин давра дар қатори адибони бузург хеле намояндагони барҷастаи илму фан ҳам ба камол расида, ҳар яке дар тараққиёти фикрӣ хидматҳои муайяне ба ҷо оварданд.

*Имом Фахриддин Муҳаммад ибни Умари Розӣ* (1148–1210) дар Ҳирот иқомат намуда, ба фаъолияти мударрисӣ ва воизӣ машғул будааст. Ӯ доир ба тиб, ҳайъат ва риёзиёт асарҳои зиёде таълиф намудааст.

---

[97] Заҳирии Самарқандӣ, 1960

*Абулқосим Маҳмуд Замахшарии Хоразмӣ* (1074–1143) яке аз муҳаққиқони маъруфи соҳаи луғат ва сарфу наҳви арабӣ буда, фарҳанги арабӣ-форсӣ ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

*Абӯбакр Абдулқоҳир ибни Абдурраҳмони Ҷурҷонӣ* (ваф. соли 1108) аз донишмандони сарфу наҳв буда, дар ин соҳа «Китоби авомил»-ро таълиф кардааст.

*Зайниддин Исмоили Ҷурҷонӣ* (вафоташ дар байни солҳои 1135 ва 1137) бо даъвати Қутбиддин Муҳаммад Ибни Ануштегин ба Хоразм омад ва соли 1110 дар он ҷо ба забони тоҷикӣ «Захираи Хоразмшоҳӣ» ном асаре навишт. Ин асар ба «Қонун»-и Ибни Сино асос ёфта, аз даҳ китоб иборат аст, ки дар бобати татбиқи тиб, анатомия, сабаб ва аломатҳои касалӣ, ҳифзуссиҳа, ташхиси беморӣ ва пешбинии ҷараёни он, усулҳои табобат, заҳру подзаҳр ва дорушиносӣ баҳс мекунад. «Захираи Хоразмшоҳӣ» ба забонҳои яҳудии қадим, туркӣ ва урду тарҷума шудааст.

## Паҳн шудани тасаввуф ва роҳ ёфтани он ба адабиёти форсу тоҷик

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои ин давра ба адабиёт роҳ ёфтани ғояҳои тасаввуф мебошад. «Тасаввуф», ки дар адабиёти илмии ба забонҳои аврупоӣ бо номи «суфизм» маълум аст, ҷараён ва назарияҳои идеологии аз ҷиҳати синфӣ гуногуни дар тамоми масоҳати интишори дини ислом вуҷуддоштаро дар бар мегирад.

Тасаввуф дар заминаи дини ислом нумӯ карда аз Қуръон, ҳадис ва дигар унсурҳои он баҳра бурд. Бо вуҷуди ин, бисёр шаклҳои тасаввуф, хусусан дар марҳилаҳои аввали тараққии он, ба сабаби дигар навъ тавзеҳ додани аҳкоми ислом, як андоза ифодакунандаи афкори мухолифи ин усули динӣ гардид. Бинобар ин ҳокимони феодалӣ ва рӯҳониёни мутаассиб бисёре аз аҳли тасаввуфро таҳти таъқиби бераҳмона қарор медоданд (ин буд, ки дар соли 922 Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ дар як сурати ваҳшиёна кушта шуд ва соли 1191 Шиҳобиддини Сӯҳравардӣ дар зиндон ба қатл расид).

Тасаввуф аввалин мартаба дар асрҳои VI–IX дар Ироқ ба вуҷуд омад. Вай дар қадамҳои нахустин ҳамчун маслаки мухолиф зуҳур намуда, ба муқобили таҷаммул ва риёкории аъёну ашроф равона гардида буд. Он вақтҳо дар таблиғоти сӯфиёнаи даст кашидан аз сурур нишоти зиндагӣ ва рӯ ниҳодан ба риёзат эътирози беш аз пеш қувватгирандаи ҳунармандон ва табақаҳои поини шаҳру деҳот бар зидди зулму тааддии феодалон, бар зидди тақсимоти беинсофонаи неъматҳо[98] ифода меёфт. Дар таълимоти сӯфиёни аввала таъкид мешуд, ки моликияти хусусӣ, сарват, ҷоҳу ҷалол, таносой ва нозпарвардиро қувваҳои аҳриманӣ ба миён овардаанд. Аҳли ин тариқат гӯшанишинӣ ихтиёр карда, ба тан либоси одӣ аз пашми гӯсфанд мепӯшиданд, ки онро «хирқа» ё худ «суф» меномиданд. Тахмин мекунанд, ки номи сӯфиро гирифтани онҳо низ шояд аз ҳамин ҷо бошад.

Дар асри XI тасаввуф ба тамоми Хуросон ва Мовароуннаҳр паҳн гардид. Шайх Абӯсаид (ваф. соли 1049) ба мақсади дар байни омма ҷорӣ кардани

[98] К. Маркс ва Ф. Энгелс. Асарҳо, ҷилди 7, с. 378.

тасаввуф дар Нишопур хонақоҳ сохт, ба минбар баромада вазъ гуфт, бо уламои динӣ ва аҳли ҳикмат мубоҳисаҳо ташкил кард. Шайх Абулқосими Қушайрӣ (ваф. соли 1073) доир ба асосҳои тасаввуф рисолаи махсус таълиф намуд.

Бо таъсири рӯҳониён ва феодалон як шакли нави тасаввуф пайдо мешавад, ки аҳли он мардумро фақат ба зӯҳду тақво, итоаткорӣ ва риояи шариат даъват мекарданд. Дар роҳи бо мазҳаби ислом омехтани тасаввуф ва мувофиқи манфиатҳои феодалон ба вуҷуд овардани силки нави он махсусан фақеҳ ва файласуфи маъруф Муҳаммади Ғазолӣ (1058–1111) роли калоне бозидааст.

Бар тибқи таълимоти пантеистии тасаввуф, тамоми анвои табиати зинда ва мурда зуҳури Худо ва ё ба истилоҳи сӯфиён таҷаллии Ҳақ мебошад. Ҳамаи мавҷудоти дунёи моддӣ гӯё инъикоси дунёи ухравист. Инсон, ки охирин офаридаи ҳақиқати мутлақ аст, бояд дар роҳи илҳоқ ба Ҳақ саъй намояд. Барои ин бояд кас аз тамоми неъматҳои зиндагӣ даст кашида, дар нафси худ, ғайр аз кӯшиши илҳоқ ба Ҳақ, ҳама гуна орзу ва ҳадафҳоро фурӯ нишонда бошад. Барои он ки инсон бо роҳи тариқат ба Ҳақ мулҳақ шавад, ӯро лозим аст, ки ба худ раҳнамое пайдо карда, дар ҳар кор ба он раҳнамо сари итоат фуруд орад ва ҳар як амру фармони вайро, бидуни шакку тардид, иҷро намояд. Чунонки дар кутуби сӯфиён хотирнишон гардидааст, ҳар як мурид дар назди шайх бояд мисли мурдае дар дасти мурдашӯй бошад.

Шайхони сӯфия, пирони тариқат тадриҷан эътибори хеле зиёд ва қувваи бузурги сиёсӣ пайдо карда, ба хидмати худ садҳо муридони фармонбардорро ҷалб менамоянд. Синфҳои ҳукмрон аҳамияти ниҳоят калони ба тарафи худ кашидани ин шайххоро зуд фаҳмида, дар ин бобат чораҳо меандешанд. Ҳамин тариқа, бисёр шайхон ба надимони ҳокимон мубаддал мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар байни шайхон касоне ҳам ёфт мешуданд, ки ҳанӯз ҳам бо табақаи ҳунармандон алоқаи хеле наздик доштанд. Онҳо бо қувваи ҳунармандон ба тимсоли ташкилотҳои тасаввуфӣ бо номи футувват иттиҳодияҳое ба вуҷуд оварда буданд. Дар заминаи ин иттиҳодияҳо тариқатҳои махсуси ҷавонмардӣ пайдо шуда, бар зидди «кофирон» ҷиҳод менамоянд (дар Гурҷистон, Кавкази шимолӣ, Ҳиндустон). Пас аз асри XI аксари шайхони бо ҳокимон алоқаманд худ ба заминдорони калон табдил меёбанд. Чунончи, Хоҷа Аҳрор, ки дар асри XV умр ба сар бурда, дар Самарқанд дафн шудааст, ҳамчун соҳиби мулку сарвати аз ҳад зиёд ном баровarда буд.

Аммо баъзе шайхон, баръакс, бо қувваи ташкилотӣ ва ҳарбии худ мардуми бар зидди феодалон сар бардоштаро тарафдорӣ мекарданд. Онҳо баробарии молу мулкро боисрор талаб намуда, гоҳо қисман ва дар як муддати муайяне ба мақсади худ ноил ҳам мешуданд, чи навъе ки Ҳасани Ҷурӣ дар асри XIV ҳангоми шӯриши сарбадорон ба ин кор муваффақ гардид.

Ҳамин тариқа, дар давоми тамоми асрҳои миёна тасаввуф дорои ду ҷараёни зидди якдигар – феодалӣ ва халқӣ буд. Ҷараёни халқии тасаввуф бо доираи ҳунармандони шаҳр алоқаманд гардида, эътирози оммаро бар алайҳи зулму ситами феодалон ифода менамуд. Аҳли тасаввуф дар баробари тарки дунё кардан ва даст кашидан аз нозу неъмат, ки шарти асосии аксари тариқатҳои равияи тахайюлии ғайрифаъол ва аз лузумоти давраи аввали аз шайх сабақ гирифтани мурид ба шумор мерафт, ғояи муҳаббат ба инсонро таблиғ карда, дар роҳи ҳусули мақсади худ аз муборизаи мусаллаҳона низ

худдорӣ намекарданд. Албатта, аз ин чунин барнамеояд, ки ҳамаи сӯфиёни дар даст силоҳ ба муқобили феодалон ва истилогарони аҷнабӣ сар бардошта, гӯё аз тасаввуфи риёзатии «аслӣ» тамоман қатъи алоқа карда бошанд.

Дар соҳаи идеология эътирози сӯфиён, сарфи назар аз бисёр ҷиҳатҳои пурарзиши он, таҳти таъсири шаклҳои динию мистикии тасаввуф, ки муносибатҳои воқеии ҷамъиятиро вайрон ва хаёлӣ инъикос мекард, хеле маҳдуд гардида буд. Ба ин нигоҳ накарда, дар бисёр давраҳои таърих баъзе ҷараёнҳои тасаввуфие, ки алоқаи худро аз доираи ҳунармандон ва табақаҳои поини ҷамъиятии шаҳр наканда буданд, бо вуҷуди маҳдудиятҳои таърихии худ равияҳои нисбатан пешрави ҳаёти ҷамъиятии давраҳои муайяни таърихиро ташкил медоданд. Ин буд, ки фаъолияти аксари адибон ва мутафаккирони гузашта, аз қабили Бобо Кӯҳӣ, Ансории Ҳиротӣ, Саноӣ, Фаридаддини Аттор, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ бо тасаввуф робитаи қавӣ пайдо намудааст. Баъзе аз онҳо, мисли Абдуллоҳи Ансорӣ, бо ҷараёни феодалии тасаввуф алоқаманд бошанд ҳам, вале аз таъсири анъанаи умумии адабиёти тасаввуфӣ бебаҳра намонда буданд ва дар эҷодиёти худ бештар сабки содаву равон, ибороту таркибот ва тамсилоту зарбулмасалҳои халқиро ба кор бурда, ба идеалҳои ҷавонмардӣ ва башардӯстӣ пайравӣ мекарданд. Ин ҷиҳатҳо арзиши асосии назми тасаввуфиро фароҳам овардаанд.

Чунин ақидае, ки шоирони бузурги асри миёна гӯё ҳамеша фақат аз тарси таассуб ва бо мақсади пинҳон доштани озодфикрии худ истилоҳоту ибороти сӯфияро истифода карда бошанд, нодуруст аст (мо ин гуна истилоҳоту иборотро дар офаридаҳои Ибни Сино ҳам дучор мешавем). В.И.Ленин дар хусуси файласуфони қадим сухан ронда, ба тарафдории он баромад мекард, ки «таърихи философия ба фактҳои таърихӣ қатъиян мувофиқ бошад, то ки ба философҳои қадим чунон «такмили» идеяҳояшон нисбат дода нашавад, ки он ба мо маҳфум асту вале дар асл ҳанӯз дар философҳои қадим мавҷуд набуд».[99] Мутафаккирони гузаштаро ба таври куллӣ аз ҳаракатҳои ҷамъиятии замони онҳо ҷудо кардан амали ғайритаърихист. Маҳдудиятҳои таърихии ҳар як мутафаккири асримиёнагиро, ки побанди тасаввуроти динии ҳукмрони онвақта буданд, фаромӯш накарда, хусусиятҳои нисбат ба он замон прогрессивии эҷодиёти ӯро бояд муайян намуд.

Идеологияи сӯфия дар ҳаёти ҷамъиятии Осиёи Миёна ба дараҷае васеъ паҳн гардида буд, ки ҷараёни иртиҷоии феодалии тасаввуф тадриҷан, алалхусус дар охирҳои асри миёна, дар қатори ҷараёни дини ҳанафияи ислом мавқеи дувумин ҷараёни асосиро ишғол кард.

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки ба таълимоти тасаввуф аз аввалин марҳилаҳои интишории худ ҷиҳатҳоеро, ки ба равнақи илми дунявӣ ва фалсафаи ратсионалистӣ мамониат мекарданд, дар худ нуҳуфта буд. Баъдҳо, дар аҳди Темуриён ва хонии Бухоро, тасаввуфи феодалӣ дар сари муборизаи зидди ҳама гуна афкори озод қарор гирифт. Дар айни замон, дар назми тасаввуфии давраҳои гуногун тазоҳури ғояҳои мухолифаткоронаю инсонпарвариро мушоҳида накардан мумкин нест. Парастиши инсони комил

---

[99] В.И. Ленин. Асарҳо, ҷилди 38, с. 256.

ва Худо шумурдани он дар назми тасаввуфӣ аксар вақт дар шакли мистикӣ ба дараҷаи олӣ фаҳмидани барозандагӣ ва қадру қимати инсонро ифода менамуд.

Дар ин давра чунин назариётчиёни бузурги тасаввуф, монанди Муҳаммади Ғазолӣ ва бародари ӯ – Аҳмади Ғазолӣ, ки назарияи махсуси тасаввуфи ишқи ирфониро ба миён гузоштааст, инчунин шоирони баргузидаи мутасаввиф – Абдуллоҳи Ансорӣ (1006–1077), Абулмаҷди Саноӣ (1050–1131), Фаридаддини Аттор (1142–1220) ба майдон омаданд.

*Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ* (1056–1111) дар шаҳри Тӯс таваллуд ёфта, аз овони ҷавонӣ бо таълимоти аҳли тасаввуф шиносоӣ пайдо намуд. Сипас, дар Нишопур ба таҳсили илм шуғл варзида, махсусан дар соҳаи фиқҳ дониши мукаммал ҳосил кард ва аз ин ҷиҳат дар байни рӯҳониён эътибори калоне ёфт. Дере нагузашта шуҳрати ӯ то ба дарбори султон Маликшоҳи Салҷуқӣ расид ва соли 1091 мувофиқи даъвати вазир Низомулмулк ба Бағдод рафта, дар мадрасаи «Низомия» ба дарсгӯӣ машғул шуд. Дар ин ҷо ба Ғазолӣ супориш доданд, ки бо исмоилиён – душманони ашаддии Салҷуқиён мунозира карда, носозгории таълимоти онҳоро бо мазҳаби ҳанафияи ислом собит намояд. Вале Ғазолӣ фақат ба ин кор маҳдуд нашуда, ҷиддан ба омӯзиши фалсафа, алалхусус осори Форобӣ ва Ибни Сино камар баст. Ӯ дар шароити мухолифатҳои тундутези синфӣ ва сиёсӣ, ки ифодаи мафкуравии худро дар мубориза фирқаҳои гуногуни динӣ ёфта буданд (ва ин умуман хоси асри миёна аст), зиндагонӣ карда, ҳамчун тарафдори сиёсати марказиятбахши Низомулмулк, дар роҳи оштӣ додани илоҳиёт ва фалсафаи ратсионалистӣ, ки аҳамияти бузурги онро ба хубӣ медонист, саъю кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Аммо ӯ дар ин роҳ ба чизе муваффақ нагардид ва, табиист, ки муваффақ шуда ҳам наметавонист. Пас аз ин, Ғазолӣ буҳрони сахти маънавиро аз сар гузаронид ва соли 1095 аз дарси мадраса даст кашида, ба аҳли тасаввуф пайваст.

Ғазолӣ аз ҳаёт канора ҷуста, тасаввур кард, ки дар риёзат ва тарки дунё, ба қавли худаш, «итминон ва осоиш» хоҳад ёфт. Дар солҳои баъдина ӯ бисёр саёҳат карда, ба Сурия ва Макка низ сафар намуд. Ин мусофират кайфияти сӯфиёнаи ӯро боз ҳам қувват дод. Асари муҳимми вай «Эҳё-ул-улум-ад-дин», ки ба забони арабӣ навишта шуда, эҳсоси суфиёнаи ирфониро асоси маърифат ва ишқи илоҳиро асоси дину мазҳаб донистааст, маҳсули ин мусофират мебошад.

Ғазолӣ баъди баргаштан аз сафари Сурия дар солҳои охири ҳаёташ якчанд вақт дар мадрасаи Нишопур дарсгӯӣ кард. Пас аз он ба Тӯс рафта, хонақоҳро маскан намуд ва бақияи умри худро дар ҳалқаи шогирдон ба сар бурд.

Чунонки аз таҳқиқоти мавҷуда маълум мегардад, Ғазолӣ дар таълифоти худ ба василаи ғояҳои сӯфиёна «фалсафаи ратсионалистиро дар кишварҳои мутасаррифи ислом хароб намуда», мабдаъҳои тасаввуфӣ ва фиқҳии дини исломро айёрона ба ҳам пайваст ва бо ин тариқа илоҳиётро аз беэътиборӣ ва кӯчаи сарбастаи фалсафӣ раҳо намуд. Дар ҳақиқат ҳам, Ғазолӣ аз нуқтаи назари ислом муҳокимаҳои соф фалсафиро маҳкум намуда, таълимоти пайравони фалсафаи машшоия, аз ҷумла Форобӣ ва Ибни Синоро, ки инкишофдиҳандаи ғояҳои Арасту ҳисоб меёфтанд, мухолифи дин эълон кард ва ба маъниҳои тасаввуф либоси зуҳду тақво пӯшонида, бо ҳамин дар таърихи афкори ҷамъиятии аксари халқҳои Шарқи Наздик роли иртиҷоӣ бозид. Ин аст, ки китобҳои ӯ дар давоми бисёр асрҳои пас аз вафоташ дар байни аҳли

тасаввуфи равияи феодалӣ ва қисман ҳокимони ба таассуби сӯфиёна майл дошта, шуҳрати зиёд пайдо карда буданд.

Чун Ғазолӣ шахси хеле боқареҳа ва истеъдоднок буда, дар соҳаи фалсафа маърифати комил дошт, асарҳои вай дар баъзе бобатҳо роли мусбат низ бозӣ кардаанд. Чунончи, ӯ дар китоби «Мақосид-ул-фалосифа» ба нияти рад кардани таълимоти пайравони фалсафаи машшоия нуктаҳои асосии ин таълимотро чунон аниқ ва дақиқ баён намуд, ки он бархилофи хоҳиши муаллиф, муддатҳои дурудароз ҳамчун беҳтарин васоити омӯзиши асосҳои ин фалсафа истифода гардид ва холисона ба интишори ратсионализм кумак расонид. Ин китоб ба лотинӣ тарҷума гардида, як вақтҳо дар Аврупои асри миёна беҳтарин нақли мухтасари ғояҳои фалсафаи машшоия дониста мешуд.

Ғазолӣ дар асари баъдтар таълифкардаи худ «Ал-Мунқиз мин аз-залол», зоҳиран, хавфи таассуби динӣ ва умуман манъи тамоми илмҳоро, ки намояндагони иртиҷоии рӯҳониёни ислом исрор мекарданд, дарк намуда, ақидаҳои ниҳоят мухолифатомезро баён мекунад. Масалан, ӯ Арасту, Форобӣ ва Ибни Синоро аз нуқтаи назари ислом «кофир» эълон карда, дар айни замон хидмати бузурги онҳоро дар бобати инкишофи мантиқи ратсионалистӣ хотирнишон менамояд; инчунин аз мавқеи атеистӣ рад кардани динро ҳамчун як амри муболиғаи роли улуми дақиқ сарзаниш намуда, дар айни ҳол мутаассибони ҷоҳили мусулмонро, ки бо роҳи манъи тамоми илму фанни марбут ба фалсафаи мухолифи ваҳйи Қуръон «тозагии» мазҳаби ҳанафияи исломро нигоҳ доштанӣ мешуданд, маҳкум месозад. Ӯ ҳуқуқи олимонро барои аниқ ҳисоб кардан ва пешгӯӣ қардани вақти гирифтани офтобу моҳ (дар тасаввури рӯҳониён «каромоти илоҳӣ»), ҳуқуқи инкишофи риёзиёт, татбиқи мантиқ ва истифодаи тибби амалиро аз қувваҳои иртиҷоӣ ҳимоя мекунад. Ғазолӣ изҳор менамуд, ки дини исломро ба ҷаҳолат асосёфта набояд пиндошт, зеро ҷаҳолат бар зидди худи дин ҷиноят аст. Ӯ ба воситаи чунин сафсата, зоҳиран, мехост соҳаҳои ба худаш наздики илмро аз ҳамлаҳои аҳли таассуб наҷот бидиҳад. Вале ӯ дар охири китоб худро ба оғӯши таассуб андохта, таъкид мекунад, ки табиат на ин ки худ ба худ, балки фақат ба иродаи Худо амал менамояд.

Тамоми роҳи фаъолияти эҷодии Ғазолӣ фоҷиаи мутафаккири боистеъдодеро пеши назар меорад, ки дар ҳолати заъфу нотавонӣ мавқеи афкори ратсионалистиро бо таъсири фишори торафт афзояндаи рӯҳониёни иртиҷоӣ аз даст додааст.

Дар эҷодиёти Ансорӣ, ҳатто дар наср, шакли мунозираро, ки аввалин мартаба ӯ ба кор бурдааст, метавон мушоҳида намуд. Ин шакл бо ҳикоятҳои тамсилии халқӣ омезиш ёфта, баъдтар дар такмили сохти достонҳои ахлоқӣ (офаридаҳои Аттор, Низомӣ, Ҷомӣ ва шоирони дигар) роли калон бозид. Рубоиёти ӯ, ки баъзан эҷоди халқиро ба хотир меоранд, низ хеле ҷолиби диққатанд.

*Саноӣ* ҳарчанд то охир чун шоири мутасаввиф монд, вале дар баъзе мавридҳо аз доираи мавзӯоти маъмулӣ ва маҳдудияти динии эҷодиёти худ берун мебаромад ва он гоҳ дар назми мутаноқизи ӯ кайфияти ҳоли оммаи халқ низ ба як тарзи махсус мунъакис мегардид. Ба тариқи намуна аз достони «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ» суханони ғазаболуди пиразани гадоро, ки ба султон Маҳмуд хитоб мекунад, овардан мумкин аст. Пиразан ба суоли султон, ки аз ӯ чӣ мехоҳад, чунин ҷавоб медиҳад:

Оби ҳасрат зи дида карда равон.
Гуфт: «Золе заифу дарвешам,
Кас наёзорад аз каму бешам.
Писаре дораму ду духтари хурд,
Падари ҳар се шуд ду сол, ки мурд.
Аз ғами нону ҷомаи эшон,
Медавам бар тариқи дарвешон.
Хӯшачинам ба вақти кишту дарав,
Арзану боқилаву гандуму ҷав.
Сол то сол аз он бувад нонам,
То нагӯӣ, ки ман таносонам.
Бар ман аз чист ҷаври ту пайдо,
Охир, ин рӯзро бувад фардо?
Чанд зулму раият озурдан,
Молу мулки ятимагон хӯрдан?
Будам андар деҳе маҳе муздур,
Аз барои яке сабад ангур.
Дӣ сари моҳ буду ман зи нишот,
Бистидам музд то равам ба работ.
Панҷ турк омад аз қаҳр пешам,
Хонд аз эшон яке бар пешам.
Бигрифт он сабад зи гардани ман,
Ман баровардам аз ано шеван.
Дигаре омаду задам чӯбе,
То зи ман барнахезад ошӯбе».
Гуфт: «Ин кисту ин кӣ шояд буд,
К-ӯ баровард аз тани ман дуд?»
Гуфт: «Ҷондори шоҳ Маҳмуд аст,
З-ин ҷазаъ мар туро чӣ мақсуд аст.
Бар худу ҷони худ махӯр зинҳор,
Роҳро пеш гиру бонг мадор».
Ман зи гуфтори вай битарсидам,
Роҳи шикори ту бипурсидам.
Ман туро ҳоли хеш кардам дарс,
Аз дуои мани заиф битарс!
Гар наёбам зи назди ту ман дод,
Дар саҳар назди ӯ кунам фарёд.
Оҳи мазлум дар саҳар бе яқин,
Батар аз тиру новаку зубин.
Дар саҳаргоҳ дуои мазлумон,
Нолаи зору оҳи маҳрумон.
Бишканад шери шарзаро гардан,
Даркаш аз зулм, Хусраво, доман![100]

[100] Санoӣ, Теҳрон, 1329, с. 557–560.

Ин қабил маъниҳоро дар эҷодиёти Аттор ҳам, ки ислоҳоти дар тасаввуф баамаловардаи Ғазолиро қабул надошт, дучор омадан мумкин аст. Дар яке аз аввалин достонҳои ӯ «Хусрав ва Гул», ки қиссаи ошиқонаи қадимаи юнонӣ нақл гардидааст, фақат баъзе падидаҳои тасаввуф ба назар мерасад. «Мантиқ-ут-тайр»-и ӯ, сарфи назар аз он ки дар тариқи ҳикоябандии асарҳои тасаввуфӣ навишта шудааст, аз беҳтарин достонҳои тамсилии ахлоқӣ ба шумор меравад. Дар ин достон шакли қисса дар қисса бо омезиши масалҳои шавқангез ба кор бурда шуда, мазмуни баъзе аз онҳоро танқиди хулқу атвори феодалӣ ташкил намудааст. Маҳорати достонсароии Аттор, чунонки аз дигар офаридаҳои ӯ низ ҳувайдост, аз маҳорати Саноӣ ҳам баландтар аст. Азбаски Аттор доруфурӯширо пеша намуда, шеъргӯиро мояи маош қарор надода буд, девони ашъори ӯ аз қасидаҳои мадҳия тамоман холист. Ӯро дар шарҳи ҳоли аҳли тасаввуф бо номи «Тазкират-ул-авлиё» асарест, ки бо насри олӣ таълиф ёфтааст.

Дар инкишофи ғояҳои инсониятпарваронаи ин давр шоири бузурги форсизабони Озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ (ваф. соли 1209) роли бағоят калон бозид. Ӯ офаринандаи асари безаволи «Хамса» аст, ки даҳҳо шоирон ба забонҳои форсӣ, ӯзбекӣ, туркӣ, озарӣ ва ғайра онро пайравӣ кардаанд.

Дар ин мусобиқаи хамсанависӣ, ки асрҳои зиёде давом намуд, чунин шоирони маъруф, аз қабили Амир Хусрави Деҳлавӣ, Алишер Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ ширкат варзида, ҳар яке асарҳои барҷастае ба вуҷуд оварданд ва дар тақвияти ин равия саҳми пурарзиши худро гузоштанд.

Дар ҳамин давра ба ҷойи «сабки хуросонӣ» услуби нави адабие, ки бо номи «сабки ироқӣ» машҳур аст, ба зуҳур меояд. Агар баёни сода ва ба забони гуфтугӯ наздик хусусияти асосии сабки хуросонӣ ё худ «туркистонӣ» бошад, барои сабки ироқӣ суханбозиҳои печ дар печ ва ташбеҳу истиораҳои мураккаб хос аст. Ин хусусият, ки ҷиҳати асосии назми давраи тараққиёти феодализм мебошад, алалхусус, дар ашъори мадеҳавии дарборӣ тазоҳуроти худро пайдо намудааст.

# БОБИ ЧОРУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВЛАТИ ЧИНГИЗИЁН

## 1. ИСТИЛОИ МУҒУЛ. ХОҶАГИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ МУҒУЛҲО

### Ҳуҷуми ӯрдуи Чингизхон ба Осиёи Миёна

Давлати хоразмшоҳӣ дар солҳои бистуми асри XIII боз ҳам бештар сабзида, ғайр аз Хоразм ва Мовароуннаҳр Афғонистони кунунӣ ва қисмати бузурги Эронро низ дар бар мегирифт. Вале ҷанбаи марказият ёфтани ин давлат хеле суст буд. Иддае аз ҳокимони маҳаллӣ фақат зоҳиран тобеияти худро нисбат ба Хоразмшоҳиён эътироф намуда, дар амал вилоятҳои зеридасти худро қариб мустақилона идора мекарданд.

Ҳокимияти Муҳаммади Хоразмшоҳ устувор набуд: давлати ӯро на фақат оммаи заҳматкаш ва халқҳои мутеъ, ки ҳам аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ ва ҳам аз тарафи Хоразмшоҳ ба ҷабру зулм дучор буданд, пуштибонӣ намекарданд, балки ҳатто ашрофи феодалони ҳарбӣ ва рӯҳониёни бонуфуз низ нисбат ба он ошкоро равияи душманона доштанд. Илова бар ин, дар дохили хонаводаи Муҳаммади Хоразмшоҳ низоъву нифоқ сар шуда, вазъиятро боз ҳам мураккабтар намуд: модари Муҳаммади Хоразмшоҳ – Турконхотун, ки зани ғаюр ва омире буд, низ бо ӯ мухолифат меварзид. Вай як гурӯҳ сарлашкарони дарбории қипчоқро, ки дорои қувваи бузурги ҳарбӣ буданд, ба муқобили ӯ барангехт.[1]

Давлати Хоразмшоҳӣ дар чунин вазъияти душвори мухолифатҳои дохилӣ ба ҳуҷуми ӯрдуҳои Чингизхон дучор гардид.

Машғулияти асосии бодиянишинони муғул чорводорӣ буд. Онҳо ғайр аз парвариши ҳайвонот ба шикор низ машғул мешуданд. Дар байни онҳо ва қабилаҳои ирқан наздики ҳамсоя додугирифти молӣ давом менамуд.

Бар тибқи шаҳодати муаррих Ҷувайнӣ, қӯшуни муғул ба даҳҳо, садҳо, ҳазорҳо ва даҳҳо ҳазор тақсим шуда, хеле боинтизом ва чусту чолок буданд. Ҳамаи қабилаҳои муғул муваззаф буданд, ки ҳама вақт ба амалиёти ҷангӣ омода бошанд.

---

[1] Хоразмшоҳиён одатан духтари ягон саркардаи намоёни ҳарбиро аз байни пешвоёни аҷдоди қипчоқ (аз қабилаи канглӣ) ба занӣ мегирифтанд. Одатан, як фирқаи дарборӣ, ки ба ҳамқавмони ҷангҷӯи худ такя мекард, ба атрофи малика (хотун) ҷамъ мешуд. Аз ин ҷост, ки баъзе аз маликаҳо, ба монанди Турконхотун, дар умури давлат роли муайяне бозидаанд.

Дар аввалҳои асри XIII дар сохти ҷамъиятии муғулҳо ҷанинҳои муносибати феодалӣ пайдо мешаванд. К.Маркс ин протсессро чунин тавсиф намудааст:

«Дар Ёсо (маҷмӯи қонунҳои муғулҳои қадим.–Б.Ғ.) дар бораи табақаи баландмақом, тарханҳо зикр шудааст, ки онҳо аз ҳар навъ андоз озод карда шуда буданд, ғанимати худро бояд бо дигарон тақсим намекарданд, ба назди хони кабир ҳамеша бемалол даромада метавонистанд, аз ҷазо то нуҳ маротиба озод карда мешуданд. (Ин навъи ҳуқуқҳои феодалӣ дар байни ҳамаи халқҳои ниммаданӣ дар натиҷаи тарзи зиндагии ҷанговаронаи онҳо ба миён меоянд)[2].

Лашкаркашиҳои азими истилокоронаи Чингизхон иқтидори ҳукмфармоии феодали бодиянишинро на фақат бар халқҳои мутеъ, балки бар ҳамқабилаҳои он низ меафзуд. Хони бузург ва ашрофи феодалӣ ба дараҷаи афсонавӣ сарватманд мешуданд.

Аммо аратҳо – оммаи заҳматкаши муғул охируламр ба ҳолати қашшоқӣ ва хонахаробӣ афтода, беш аз пеш мутеъ ва дастнигари табақаи ҳукмрон мегардиданд.

Дастаҳои ҷангии муғул бо сардории «Ҷуҷӣ» ном писари калони Чингизхон «халқҳои ҷангалнишини» соҳили дарёи Енисейро ба худ тобеъ намуданд. Халқи уйғур бо ихтиёри худ ҳукмронии Чингизхонро қабул кард. «Ҳубилой» ном сарлашкари Чингизхон қисми шимолии Ҳафтрӯдро ишғол намуд. Худи Чингизхон ба Чини шимолӣ лашкар кашида, шаҳри Чжунду (Пекин)-ро, ки дар он замон пойтахти давлати Тсзин буд, забт кард.[3]

Пас аз ин, дар солҳои 1218–1219 қӯшуни муғул бо роҳбарии «Ҷебе» ном лашкаркаши Чингизхон, тақрибан бидуни муқовимат, сарзамини Қарахитоиҳо – Ҳафтрӯд ва Туркистони шарқиро тасарруф намуд ва ба ҳудуди давлати Хоразмшоҳиён наздик шуд. Дар бобати тадриҷан шиддат ёфта, ба худ ранги душманӣ гирифтани муносибати ин ду давлат – давлати Чингизхон ва давлати хоразмшоҳӣ роли тоҷирони Осиёи Миёна кам набуд. Бисёр тоҷирони сарватманд, ки бозургонии Муғулистон ва Осиёи Миёнаро дар дасти худ нигоҳ медоштанд, ҳанӯз пеш аз ҳамсарҳад гардидани ин ду давлат бо ҳамроҳии уйғурҳо дар умури ташкилот ва сохти идораи дохилии Муғулистон аз мушовирони асосии Чингизхон ҳисоб мешуданд. Чингизхон дар бораи вазъияти дохилии давлати хоразмшоҳӣ муттасилан ба воситаи ин тоҷирон маълумот ба даст меовард.

Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки дар он вақт назар ба Чингизхон бештар қувват дошт, равияи ҷангталабонаеро пеш гирифт. Дар соли 1218 ҷанговарони Хоразм бо иҷозати ӯ дар қалъаи сарҳаддии Утрор, ки дар канори дарёи Сир воқеъ гардида буд, як корвони аз тарафи Чингизхон фиристодашударо, ба гумони ин ки мақсади ҷосусӣ дорад, тороҷ намуданд. Бори корвон аз 500 шутури тилло, нуқра, маснуоти абрешими чинӣ, пӯстҳои қиматбаҳо ва амсоли ин иборат буд ва 450 нафар тоҷир, аъёну ашроф ва ашхоси мўътамади хони муғул маъмури овардани онҳо буданд. Гумоштагони Хоразмшоҳ ҳамаи ин одамонро ба қатл расонида, тамоми молҳоро фурӯхта, пули онро ба маркази давлати хоразмшоҳӣ фиристоданд.

---

[2] «Архиви Маркс ва Энгелс», ҷилди V; с. 220.

[3] Владимирсов Б. Я., 1922; 1934; Grousset R., 1944; d'Ohsson C., 1834.

Чингизхон аз воқеаи Утрор (ба истилоҳ «Фалокати Утрор») хабардор шуда, аз Хоразмшоҳ талаб кард, ки мусаббиби ин фоҷиа, яъне ҳокими Утрорро ба ӯ супорад ва товони хисоратҳои воридшударо бидиҳад. Лекин сафири Чингизхон, ки бо ин талабот ба пойтахти давлати хоразмшоҳӣ омада буд, бо амри Муҳаммади Хоразмшоҳ ба қатл расид ва ҳамроҳони ӯ бо ришу мӯйлаби бурида пас гардонида шуданд (аз рӯйи баъзе маълумот онҳоро низ қатл карданд). Ин рафтори ҷангталабонаи Муҳаммад ҳуҷуми Чингизхонро ба Осиёи Миёна тезонид.

Чингизхон ба масъалаи лашкар кашидан ба Осиёи Миёна аҳамияти калоне дода, ба ин кор бо тамоми ҷиддият тайёрӣ медид. Вай ҳанӯз то оғози амалиёти ҷангӣ ба воситаи тоҷирони Осиёи Миёна дар бораи дараҷаи омодагӣ ва нафароти қувваҳои ҳарбии душман маълумот ба даст овард. Аз ин ҷост, ки ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна, чи навъе ки як қатор муаррихони буржуазӣ тасвир мекунанд, ҳаракати бетартиб ва худсаронаи бодиянишинони муғул набуда, балки ҳуҷуме буд, ки бар асоси мулоҳизаҳои амиқ ва нақшаҳои муайян қарор дошт.[4] Тоҷирони маҳаллӣ вазифаи роҳбалади ӯрдуҳои чингизиро адо намуданд.

Чунонки дар боло қайд гардид, Хоразм дар асnoи ҳамлаи чингизиён омодаи мудофиа набуд. Муҳаммади Хоразмшоҳ бо вуҷуди иқтидори зоҳирии худ ба андозаи зиёде вобаста ба ашрофи ҳарбии феодалӣ буд. Вай ба сардорони ҳарбии худ ва ба аҳолии маҳаллӣ он қадар ҳам бовар надошт. Ба ҳамин ҷиҳат аз тарс қӯшуни худро ба як ҷо ҷамъ накарда, онро ба гурӯҳҳои хурд тақсим намуд ва дар маҳалҳои гуногун гузошт. Ин парокандагии қувваҳои ҳарбии давлати хоразмшоҳӣ барои ғалабаи лашкари муғул бештар заминаи мусоид ҳозир намуд. Ғайр аз ин, Муҳаммади Хоразмшоҳ ҳангоми тадорукоти ҷангӣ дар зарфи як сол аз аҳолӣ се мартаба молиёт гирифта, ба ин васила эътироз ва норизогии халқро ба вуҷуд овард.

Дар моҳи сентябри соли 1219 Чингизхон ба Утрор расида, қувваҳои ҳарбии худро ба се қисмат тақсим кард: як қисмати қӯшуни худро ба писаронаш – Ӯқтой (Угедей) ва Чағатой супорид, ки Утрорро муҳосира кунанд; қисмати дигари онро бо роҳбарии Ҷуҷӣ барои забт намудани шаҳрҳои соҳили дарёи Сир ба тарафи шаҳри Ҷанд равона кард.

Худи ӯ бо ҳамроҳии писараш Тулуй қувваҳои асосиро гирифта, ба тарафи Бухоро ҳаракат намуд.

Аскарони муғул бо ҳамлаи қатъӣ шаҳри Утрорро ишғол карданд, лекин қалъаи Утрор муддати як моҳ (бар тибқи баъзе ҳуҷҷатҳо –6 моҳ) муқовимат намуд. Муғулҳо пас аз тасхири шаҳри Утрор ҳамаи мудофиакунандагони шаҳру қалъаро ба қатл расониданд.

Он қисмати лашкари муғул, ки бо сардории Ҷуҷӣ барои забт кардани шаҳрҳои соҳили дарёи Сир рафта буд, аввалин мартаба Сиғноқро ғасб намуда, аҳолии онро тамоман аз дами теғ гузаронид. Сипас, муғулҳо дар муддати кӯтоҳе шаҳрҳои поёноби дарёи Сирро ишғол карда, онҳоро низ ғорат ва хароб намуданд. Дигар дастаи қӯшуни муғул, ки дар имтидоди дарёи Сир ҳаракат

[4]Манбаъҳои оид баавриди истилои муғул қарор гирифтани Осиёи Миёна аз тарафи В.В.Бартолд бо диққати тамоми омӯхта шуда, воқеаҳои марбут ба он бо тамоми ҷузъиёташ баён ёфтаанд (Бартолд В. В., 1963 б). Доир ба ин манбаъҳо низ ниг.: Spuler B., 1955, s. 463-502.

мекард, дар резишгоҳи Ангрен шаҳри Бинокатро забт намуда, тамоми аскарони мудофеи ин шаҳрро кушт.

Дар соли 1220 Чингизхон бо қувваҳои асосии лашкари худ ба Бухоро ҳамла овард. Вале ӯ дар ин маврид ба муқобилати шадиди муҳофизаткунандагони шаҳр дучор гардид. Ҳарчанд қувваи аскароне, ки шаҳри Бухороро мудофиа мекарданд, назар ба лашкари муғул хеле кам буд, ба вуҷуди ин, онҳо устуворона муқовимат менамуданд. Лекин ин муқобилат бисёр давом накард. Дар рӯзи севуми ҷанг мудофиакунандагони шаҳри Бухоро, ки робитаи онҳо аз ҳама тараф бурида шуда буд, ночор аз муқовимат даст кашиданд. Аксарияти онҳо сафи қувваҳои муҳосиракунандаи душманро рахна карда, аз дарёи Аму гузаштанд. Аммо, бо ин ҳама, муқобилат комилан барҳам нахӯрд. Чандсад нафар аз ватанпарастони далер, ки тарк кардани шаҳри худро намехостанд, ба даруни қалъа паноҳ бурда, то дами марг бар зидди истилогарон мубориза намуданд. Фақат вақте ки хандақи атрофи қалъа аз ҷасади одамон ва мурдаи аспҳо пур шуд, тасарруфи қалъа ба муғулҳо муяссар гардид. Ғосибони муғул пас аз забт кардани Бухоро ҳазорон сокинони бегуноҳи шаҳрро куштанд ва боқимондагонро ҳамчун ғулом ва каниз ба асорат бурданд.

Пас аз ин лашкари Чингизхон ба тарафи Самарқанд раҳсипор гардид. Муҳаммади Хоразмшоҳ барои мудофиаи Самарқанд аҳамияти махсусе дода, дар ин ҷо қувваи бузурге ҷамъ оварда буд. Истеҳкомоти шаҳр аз нав таъмир карда шуд. Гарнизони калони қӯшун фароҳам гардид, ки, ба қавли Рашидаддин, 110 ҳазор ва, аз рӯйи маълумоти дигар манбаъҳо, 50-60 ҳазор нафар сарбоз дошт. Тамоми мамлакат чашми умед ба сӯйи Самарқанд дӯхта буд. Ба ақидаи шоҳидони давр, ин шаҳр метавонист ба муҳосираи чандинсола тоб оварад. Рӯзи севуми муҳосира мудофиакунандагони шаҳр аз қароргоҳи худ баромада, ба душман ҳамлавар шуданд. Дар ин ҳуҷуми ногаҳонӣ дастаи сершумори аскар иштирок намуд. Онҳо як миқдор аскарони муғулро нобуд карданд. Вале худ ба иҳотаи душман афтода, ба зарбаи сахт дучор шуданд, аксари онҳо дар майдони набард ҳалок гардид. Ин ҳуҷуми бебарор ба рӯҳияи мудофиакунандагон таъсири ногуворе расонд. Аъёну ашроф ва рӯҳониёни риёкор аз ин ҳолат истифода карда, қозӣ ва шайхулисломро ба назди Чингизхон фиристоданд, то дар роҳи таслим гуфтугузор ба амал оваранд. Субҳдам онҳо хоинона дарвозаи шаҳрро ба рӯйи муғулҳо кушоданд. Қӯшуни чингизӣ ба шаҳр зада даромада, ба қатли ом ва ғоратгарӣ шурӯъ намуд. Фақат хиёнаткорон ва онҳое, ки ба паноҳи муғулҳо омада буданд, ҷон ба саломат бурданд. Аммо мудофиакунандагони қалъа ҳамоно сари таслим фуруд наоварда, ба душман муқобилати сахт нишон медоданд. Бо вуҷуди ин ҳама шуҷоат ва мардонагӣ онҳо низ дар муқобили қӯшуни чун мӯру малахи истилогарон дурудароз истодагӣ карда натавонистанд. Пас аз афтодани истеҳкомоти қалъаи Самарқанд ҳазорон диловарон ба масҷиди ҷомеъ паноҳ бурда, душманро ба наздик шудан намонданд. Муғулҳо бо роҳе масҷидро оташ заданд. Вале мудофиакунандагон аз ин наҳаросида, дар ҷойи худ нишастанд ва сӯхта мурданро аз таслим шудан ба душман авлотар донистанд.

Бештар аз нисфи аҳолии Самарқанд талаф шуд. 30 ҳазор нафар косибону ҳунармандон ба писарон ва хешу табори Чингизхон ва боз ҳамон қадар аз заҳматкашони шаҳр ба хидмати қӯшуни муғул бахшида шуданд.

Шаҳри Самарқанд ба харобазор табдил ёфта, аз одам холӣ гардид. Ҳатто пас аз якуним сол ҳам, қисме аз аҳолии он ба ҷойҳои худ баргаштанд, нуфуси шаҳр фақат чоряки сокинони пештараи онро ташкил менамуд.[5]

Ҳангоми муҳосираи Самарқанд Муҳаммади Хоразмшоҳ ба анҷоми муҳорибаҳои соҳили дарёи Аму нигарон буд. Вақте ки қӯшуни муғул шаҳрро ишғол намуд, ӯ ба ҳудуди Эрон – ба Табаристон фирор карда, дар яке аз ҷазираҳои ҷануби баҳри Хазар паноҳ бурд ва дигар барои ташкили муборизаи зидди истилои муғул чорае наандешид.

### Мудофиаи қаҳрамононаи Хуҷанд. Темурмалик

Он қисмати лашкари муғул, ки барои забт кардани Хуҷанд фиристода шуда буд, агарчи муддати зиёде ин шаҳри қадими тоҷиконро ба муҳосира гирифт, вале дар ишғоли он муваффақияте ба даст оварда натавонист. Аз ин ҷиҳат пас аз мағлубияти Бухоро ва Самарқанд як гурӯҳи калони аскарони муғул ба ёрии муҳосиракунандагони Хуҷанд омаданд ва, ба ин тариқа, дар атрофи шаҳр даҳҳо ҳазор нафар аскарони чингизӣ ҷамъ шуданд.

Ба мудофиакунандагони шаҳр марди ҷасури ҷангӣ Темурмалик роҳбарӣ менамуд.[6] Мудофиакунандагони шаҳр фақат он вақт ба тарк намудани Хуҷанд маҷбур гардиданд, ки дигар ба душман муқобилат кардан мумкин набуд. Онҳо ба ҷазирае, ки дар дарёи Сир воқеъ гардида буд (зоҳиран, як километр поинтар аз шаҳр) рафта истеҳком гирифтанд ва аз он ҷо муборизаи худро бар зидди истилогарон давом доданд.

Ин ҷазира барои мудофиа хеле муносиб буд. Вай дар ҷое воқеъ гардида буд, ки тирҳои душман аз соҳил рафта намерасид. Ҳатто ба манҷаниқ ҳам имкони ҳуҷум кардан набуд. Вақте ки муғулҳо ба муқобили ин сангари мудофиакунандагони Хуҷанд чорае наёфтанд, ба ин фикр омаданд, ки бар рӯйи оби дарёи Сир садде сохта ва ба ин васила худро ба ҷазира расонанд. Онҳо барои ин мақсад хеле асирони ҳарбиро водор намуданд, ки аз кӯҳ санг кашонида сад бисозанд. Аскарони Темурмалик барои бетаъсир кардани тири душман рӯйи киштиҳои худро бо намад пӯшида, бо гил андова намуданд. Онҳо шабона ва субҳдам бо чунин киштиҳо ба соҳил наздик шуда, ба лашкари истилогарон ҳамла меоварданд ва садди ононро вайрон карда, пас мегаштанд.

Қаҳрамонии мудофиакунандагони Хуҷанд яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик мебошад. Онҳо бо вуҷуди хеле кам будани қувваи худ муборизаро ба муқобили қӯшуни пуршумори душман қатъ накарданд. Лекин вақте ки захираи хӯрокворӣ ба охир расид, Темурмалик маҷбур гардид ҷазираро тарк карда, аскарони зиндамондаи худро халос кунад. Ин буд, ки ӯ сарбозонашро ба киштиҳо савор карда, шабонгоҳ ба кумаки рӯшноии машъалҳо бо маҷрои дарё ҳаракат намуд. Истилокорони муғул ҳамчун каргасҳои гурусна аз паси киштиҳои Темурмалик метохтанд ва онҳоро ба зери борони тир мегирифтанд. Қаҳрамонони Хуҷанд ҳамлаҳои душманро рафъ намуда, роҳи пурхатари худро мепаймуданд. Бар тибқи ривояте, дастаи аскаронаи муғул аз онҳо пеш гузашта, аз ин лаб ба он лаби дарё занҷир

---

[5] Чан-чун, 1966 с. 311.

[6] Бартолд В. В., 1963 б, с. 485 ва мобаъд; Айнӣ С., 1944.

кашиданд. Аммо Темурмалик ва сарбозони ӯ ин занҷирро пора намуда, барои убури киштиҳои худ роҳ кушоданд.

Темурмалик дар наздикии шаҳри Ҷанд бо қувваи бузурги ғосибони муғул, ки аз ду тараф соҳили дарёро иҳота карда буданд, дучор гардид. Муғулҳо киштиҳои манҷаниқдорро ба якдигар васл карда, пули мутаҳаррике ба вуҷуд оварданд ва, ба ин тариқа, роҳи киштиҳоро бастанд. Ба диловарони Хуҷанд лозим омад, ки аз киштӣ пиёда шуда, бо душман охирин дафъа ба ҷанг дароянд. Дар ин ҷанги ду қувваи нобаробар тақрибан ҳамаи сарбозони Темурмалик ҳалок гардиданд. Фақат худи Темурмалик муваффақ шуд, ки бо як дастаи хурде аз марг раҳоӣ ёфта, худро ба Хоразм бирасонад. Дар он ҷо бақияи қӯшуни торуморшудаи Хоразмшоҳ ҷамъ омада буд.

Темурмалик дар Хоразм тамоми мардони ҷангиро муттаҳид намуда, дубора бар зидди истилогарони муғул амалиёти ҳарбиро оғоз кард. Вай ба душман якчанд зарбаи сахт ворид оварда, ҳатто муваффақ гардид шаҳри Ёникентро, ки яке аз калонтарин шаҳрҳои поёноби дарёи Сир буд, забт намояд. Лекин аз он ҷо, ки дар байни Темурмалик ва дигар сарлашкарони Хоразмшоҳ ваҳдат ва муносибати хуб мавҷуд набуд, ӯ ин муваффақиятҳои ҳарбии худро вусъат дода натавониста маҷбур шуд ба Хоразм баргардад.

Писари Муҳаммади Хоразмшоҳ – султон Ҷалолиддин ҳам ба муқобили қӯшуни Чингизхон муқовимати ҷиддӣ намуда, бо ҳамроҳии Темурмалик ба истилогарони муғул чандин зарбаи шадид расонид. Вале саранҷом худи ӯ низ дар муҳорибаи наздикии дарёи Ҳинд дучори шикаст гардида, аз саҳнаи мубориза берун рафт.

Ташкили мудофиаи шаҳрҳо ҳангоми ҳуҷуми Чингизиён хеле бад буд. Фақат оммаи халқ шаҳру деҳаҳои худро фидокорона мудофиа мекарданд, дар ҳоле ки аъёну ашроф, амалдорон ва табақаи олии рӯҳониёни ислом барои ҳифзи ҳаёт, молу мулк ва ҷоҳу ҷалоли худ бо душман созиш менамуданд. Ин буд, ки Чингизхон бо қувваи камтар аз қувваи лашкари Хоразмшоҳ ба ғалабаҳои пай дар пай ноил мегардид.

## Футуҳоти минбаъдаи Чингизхон дар Осиёи Миёна

Истилогарони муғул аҳолии зиндамондаи Бухоро, Самарқанд ва Хуҷандро ба азобу уқубатҳои даҳшатангезе гирифтор намуда, пас аз андак таваққуф ба тарафи дашти Қаршӣ ва Тирмиз ҳаракат карданд. Онҳо шаҳри Тирмизро ба харобазор табдил дода, сокинони онро ба қатл расониданд. Пас аз ин хунрезиҳо Чингизхон аз дарёи Аму гузашта, ба хоки Афғонистони шимолии ҳозира дохил гардид ва дар соли 1221 Балхро забт карда, онро низ тамоман хароб намуд.

Дар ҳамин вақт писарони ӯ – Чағатой, Ӯқтой ва Ҷуҷӣ бо сад ҳазор нафар лашкари муғул пойтахти давлати хоразмшоҳӣ – шаҳри Гургонҷ (Урганҷ)-ро муҳосира намуданд. Мудофиакунандагони Гургонҷ муддати шаш моҳ бо муғулҳо мардонавор ҷангиданд. Муҳорибаи Гурганҷ ба дараҷае шадид буд, ки ғосибони муғул пас аз ворид шудан ба шаҳр низ ҳар як маҳалла ва кӯчаро бо қурбонӣ ва талафоти бузурге ба даст даровcovered. Онҳо пас аз забт кардани шаҳр ғайр аз пешаварон, кӯдакон ва занон, яъне онҳое, ки ба ғулом ва каниз табдил намуданд, дигар ҳамаро сар буриданд. Илова бар ин, ғосибон аз он

ҳама талафоте, ки дар ҷанги Гурганҷ доданд, хеле ба хашму ғазаб омада, тасмим гирифтанд шаҳрро тамоман ба хок яксон кунанд, то аз он асаре боқӣ намонад. Ба ин мақсад онҳо садди соҳили дарёи Амуро вайрон намуда, шаҳри Гурганҷро ғарқи об карданд.

Дар аввалҳои соли оянда писари Чингизхон – Тулуй Хуросонро забт намуда, махсусан яке аз қадимтарин марказҳои маданияти Осиёи Миёна – шаҳри Марвро хароб кард. Аз аҳолии Марв фақат чандсад нафар пешаварони ғуломгардида зинда монда, дигар ҳама кушта шуданд.

Аз навоҳии тоҷикнишин танҳо Бадахшон ва баъзе вилоятҳои кӯҳистонии Тоҷикистони шарқӣ, инчунин чанде аз маҳалҳои Ғур, ки бо қалъаҳои мустаҳкам муҳофизат шуда буданд, ба дасти муғулҳо надаромаданд.

Аз муаррихони араб Ибн ал-Асир (1160–1244), ки шоҳиди манзараи мудҳиши истилои муғулҳо ва ваҳшонияти онҳост, рафтори ғайриинсонии ғосибони чингизиро чунин тасвир мекунад: «Онҳо (ӯрдуҳои Чингиз. – Б.Ғ.) ба касе раҳм намекарданд, баръакс, занон, мардон ва кӯдаконро мекуштанд, шиками занони ҳомиларо пора карда, кӯдакони ҳанӯз таваллуд нашударо сар мезаданд... Шарораҳои ин бало ба ҳар тараф парида, офати он насиби умум гардид ва ҳамчун абри сиёҳе, ки вайро боди сахт меронад, аз вилояте ба вилояте сайр намуд. Халқе аз канори мамлакати Чин баромада, ба вилояти Туркистон, ба Кошғар ва Баласоғун ҳамла овард ва аз он ҷо ба навоҳии Мовароуннаҳр, ба Самарқанд, Бухоро ва ҷоҳои дигар тохт, ишғол кард, хароб намуд, ба қатл расонид ва ба яғмо бурд. Шаҳре набуд, ки аз дасти тоторҳо саломат монда бошад, онҳо ҳама ҷоро вайрон мекарданд, аз наздикии ҳар чизе ки мегузаштанд, тороҷ менамуданд, ҳар як чизе ки ба назарашон ғайриқобили истеъмол менамуд, месӯзониданд. Масалан, онҳо молҳои абрешимӣ ва дигар хел колоҳоро тӯда-тӯда туъмаи оташ мекарданд».

Истилои муғул ба сари халқҳои Осиёи Миёна мусибатҳои беҳадду ҳаср овард. Дар натиҷаи талаву тороҷ ва сӯхторҳо шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба харобазор табдил ёфтанд, аҳолии заҳматкаши онҳо қатли ом гардиданд. Корҳои зироат низ хеле паст рафт.

Маркс дар баёни зулми муғулҳо чунин таъкид карда буд, ки ин тааддӣ «ба рӯҳи халқе, ки қурбони он гардидааст, на фақат фишор меовард, балки вайро таҳқир менамуд ва мехушконид». Ба қавли Маркс, истилогарони муғул «одамонро ба ҳайвон, замини зироат ва деҳоти пурнуфусро ба чарогоҳ табдил медоданд».[7]

Дар айни замон муборизаи қаҳрамононаи халқҳои Осиёи Миёна бар зидди тааррузи Чингизиён, ки бо муқовимати бар ӯрдуҳои муғул нишондодаи халқи кабири рус мусодиф шуда буд, аҳамияти бузурги таърихӣ дошт. Ин мубориза ҳамлаи муғулҳоро камқувват карда, роҳи минбаъд ба ғарб паҳн шудани онро масдуд намуд.

Вақтҳои охир баъзе муаррихони Республикаи Халқии Хитой ҳамчун ситоишгари ҷангҳои истилокоронаи Чингизхон ва ворисони ӯ баромад карда, ба амалиёти хунхоронаи онҳо бо ҳар васила мадҳу сано мехонанд. Онҳо ба тохтутозҳои истилогарони муғул дар кишварҳои бегона аҳамияти прогрессивиро нисбат дода, мавқеи ононро баланд бардоштанӣ мешаванд. Масалан, Хан Жу-лин дар бораи Чингизхон мақолае навишта («Лиши ян

[7] Marx K., Secret diplomatic history of the eighteenth century, London, 1899, p. 78.

тсзю», 1962, №3, с.1-10), бо ҳамон таърихшиносоне, ки «қатлу куштор ва харобиҳои дар ҷанг баамаловардаи муғулҳоро махсус таъкид намуда, аммо ба роли прогрессивии дар таърих бозидаи Чингизхон мутаваҷҷеҳ намешаванд», муноқиша мекунад. Ӯ роли прогрессивии Чингизхонро фақат дар юриш ва ҷангҳои истилокорона мебинад: «Чингизхон марзҳоро аз сари роҳи равобити Шарқу Ғарб нест кард, истеҳкому қалъаҳоеро, ки ба алоқаҳои иқтисодӣ ва маданӣ мамониат мекарданд, ба хок яксон намуд, дар натиҷа робитаҳои мутақобили Шарқ ва Ғарб ба равнақ даромад». Ба ақидаи Хан Жу-лин, Хитойро истило кардани муғулҳо ва ба Осиёи Миёна ҳамла овардани онҳо аҳамияти мусбат дорад, зеро «муғулҳо дар Хитой гӯё ваҳдату ягонагии давлати императориро барқарор намуда, дар Ғарб бошад, монеаҳоеро, ки ҳукмронони давлатҳои мухталиф дар роҳи мубодилаи иқтисодию мадании Хитой ва ин давлатҳо ба вуҷуд меоварданд, аз миён бардошт».[8]

Моҳи декабри соли 1962 доир ба мақоми Чингизхон дар таърих мақолаи Ян-Чжи-тсзю чоп шуд («Лиши тсзяосюэ», 1962, №12, с.6-11), ки дар он баробари эътироф намудани роли мусбати Чингизхон дар ташкили иттиҳоди тоифаҳои муғул ба ӯ роли муттаҳидкунандаи Хитой низ нисбат дода шудааст. Ян Чжи-тсзю менависад: «Агар аз нуқтаи назари давраҳои дурударози таърих нигарем, он гоҳ бардавом ва муҳимтар будани роли муттаҳидкунанда, амри муваққатӣ ва дараҷаи дувум будани харобӣ аён мегардад. Иттиҳод бо арзиши харобӣ ба даст меомад».

Асли мақсади муаррихони Хитой аз баланд бардоштани мавқеи Чингизхон дар «таърихи инсоният» ин аст, ки даъвоҳои роҳбарони ҳозираи Хитойро ба заминҳои Республикаи Халқии Муғулистон, республикаҳои Осиёи Миёнаи Иттифоқи Советӣ ва дигар сарзаминҳои як вақтҳо таҳти тасарруфи истилогарони муғул қароргирифта «илман» асоснок кунанд. Дар айни замон, ин инъикоси сиёсати азаматталабонаи роҳбарони маочии Партияи Коммунистии Хитой мебошад.

## Ҳаёти хоҷагӣ пас аз истилои муғул

Чингизхон давлати бузурги императории ташкилкардаашро дар байни писарони худ тақсим намуд.

Писари калони ӯ – Ҷуҷӣ ҳанӯз дар соли 1207 ба идора кардани «халқҳои ҷангалнишин» уҳдадор гардида буд, ки ин халқҳо дар масоҳати васеъ аз поёноби дарёи Саланга то соҳили Иртиш зиндагӣ мекарданд. Дар соли вафоти Чингизхон (1227) қисми шимолии Ҳафтрӯд, тамоми хоки онвақтаи қазоқҳо ва қирғизҳо, инчунин қисмати шимолии Хоразм низ ба ҳиссаи мулки Ҷуҷӣ дохил шуд. Мулки писари дигари Чингизхон – Чағатой аз мамлакати уйғурҳо то Самарқанд ва аз қисмати ҷанубии Олтой то соҳилҳои дарёи Аму вусъат дошт. Ӯрду – қувваи асосии хони бузург Ӯқтойхон дар Тарбоғатой воқеъ гардида буд. Писари хурди Чингизхон Тулӯй, аз рӯйи таомули бодиянишинон, ба заминҳои асосии падараш соҳиб шуд.

Агарчанде Мовароуннаҳр ба мулки Чағатой дохил мешуд, вале амалан ин мамлакатро бевосита худи хони бузург Ӯқтой (1229–1241) дар тасарруф медошт ва фақат як қисми оидоти онро ба Чағатой ва хонаводаи ӯ медод.

---

[8] Тихвинский С. Л., 1970, с. 17.

Истилокорони муғул кишварҳои забткардаашонро бо қувваи худ идора карда наметавонистанд. Ин буд, ки Ӯқтой вазифаи идора кардани Мовароуннаҳрро ба бузургтарин тоҷир ва рибохӯри ин мамлакат – Маҳмуди Ялавоч супорид. Маҳмуд дар Хуҷанд истода, қаламрави худро идора мекард. Тамоми қувваи ҳарбии дар Мовароуннаҳр гузоштаи муғулҳо низ дар ихтиёри ӯ буд. Сардорони ин қувваи ҳарбӣ баскакҳо, ки назорати аз аҳолӣ ҷамъ кардани молиёт ҳам вазифаи онҳо ҳисоб мешуд, бевосита ба Маҳмуди Ялавоч итоат намуда, бо нишондоди ӯ амал мекарданд.

Истилои муғул сохти ҷамъиятии Осиёи Миёнаро тағйир надод, вале ба авзои табақаҳои мухталифи мамлакат ба таври гуногун таъсир расонд.

Рӯҳониён, тоҷирон ва заминдорони калон ба зудӣ ба такягоҳи ғосибони муғул табдил ёфтанд. Чи навъе ки муаррихи асрҳои XIII–XIV Рашидаддин мегӯяд, дар вақти Чингизхон ва ворисони ӯ Ӯқтойхон ва Гуюкхон (1246–1248) хонҳо ва шоҳзодагони муғул ба тоҷирон ва заминдорони калон ярлиқҳои махсус («пайтези») медоданд, ки дар асоси он аҳолӣ мебоист ҳар вазифа ва хидмате, ки онҳо фармоянд, иҷро мекард. Вазъияти оммаи заҳматкаш, чи дар шаҳрҳо ва чи дар маҳалҳои рустоӣ рӯз аз рӯз бадтар мегардид.

Барзгарон ва пешаварон ғайр аз хироҷ, ки ҳар сол аз заминҳои кишт ба давлат медоданд, боз ба адо намудани вазифаҳои зиёде маҷбур буданд. Маъмурон, тоҷирон, намояндагони табақаи рӯҳонӣ ва аъзои хонаводаи хонӣ, вақте ки аз ягон маҳал мегузаштанд, ярлиқҳои махсусро иишон дода, аз аҳолӣ маскан, озуқа ва нақлия талаб мекарданд ва аҳолӣ маҷбур буд, ки ҳамаи ин талаботро ба ҷо орад. Илова бар ин, масъулияти бо хӯрок ва пӯшок таъмин намудани дастаҳои ҳарбии дар шаҳру деҳот гузошташуда низ ба зиммаи аҳолӣ буд. Пешаварон дар феҳрасти махсус буданд ва ғайр аз вазифаҳои номбаршуда ба таҳия намудани як миқдори муайяни маҳсулот ҳам уҳдадорӣ доштанд. Онҳо мебоист дар муҳлати муқаррарӣ миқдори муайяни маснуоти худро барои ҳокимони муғул ҳозир мекарданд. Махсусан, аҳволи пешаварони аслиҳасоз, пойафзолдӯз ва бофанда хеле бад буд.

Истилои муғул ба ҳаёти хоҷагии Осиёи Миёна зарбаи сахт расонид. Суистеъмолкунии ҳукмронони маҳаллӣ, ки худсарона андоз ва молиётро назар ба дараҷаи муқарраршуда якчанд мартаба бештар меситониданд, аҳволи халқро ба куллӣ тоқатнопазир мекард. Зулму истибдод ва ҷабру бедод аҳолии зиндамондаи шаҳру қишлоқро аз ҳар гуна майлу иштиёқи пеш бурдани хоҷагӣ маҳрум сохт. Ин буд, ки вазъияти хоҷагии мамлакат дар даҳсолаҳои аввали истилои муғул боз ҳам харобтар гардид.

Дар ин бобат махсусан вазъи ҳаёти шаҳр ва тиҷорати дохилии пулӣ мисоли равшан шуда метавонад. Бар тибқи шаҳодати Чан-чун, ки аз қатлу ғорати муғулҳо дере нагузашта ба Самарқанд сафар кардааст, дар шаҳр қариб чоряки аҳолии маҳаллӣ боқӣ монда, ҳама ҷоро гадову гурусна зер карда буд, бо вуҷуди ин тиҷорат давом мекард ва бозор моли фаровон дошт. Баъдтар аҳвол на ин ки рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, балки бадтар гардид. Дар сиккаҳои онвақтаи Самарқанд аломатҳои афзудани буҳрони тиҷорати пулӣ, шакли буҳрон ва кӯшишҳои дар роҳи пешгирӣ кардани ин буҳрон бахарҷдодаи ҳукумат возеҳу равшан нақш ёфтааст.[9]

[9] Давидович Е. А., 1970 а.

Дар Самарқанди пас аз истилои муғул (мисли пештара, чунонки дар асри XII ва ибтидои асри XIII) сиккаҳои калони мисӣ зарб зада, аз рӯяш оби нуқра медавониданд. Ин дирамҳои мисии нуқраандуд дар муомилот пулҳои нуқраи асилро иваз карданд. Осиёи Миёна «буҳрони пули нуқра»-ро ҳоло ҳам аз сар мегузаронд. Ин аввалин пулҳои пас аз истилои муғул баровардашуда, ки навиштаҳои арабии аксаран динӣ доштанд, дар муомила дер давом накарданд. Дар соли 1225 ба ҷойи онҳо пулҳои қадре ғайриодӣ ба муомила гузошта шуданд, ки навиштаҳояшон на ин ки ба забони арабӣ, балки ба забони маҳаллии тоҷикӣ буд. Акнун зарурате ба миён омад, ки мардум пулро на фақат аз шакли зоҳириаш, ҳамчунин аз мазмунаш ҳам бишиносанд. Ин навиштаҳо бо забони фаҳмои самарқандиҳо мардумро бовар кунонданӣ мешуданд, ки ин пули маҳаллист, барои Самарқанд ва давоири он баровroutiнда шудаст ва дар ҳамин ҷо роиҷ аст. Вале мардуми Самарқанд бовар накарданд. Он гоҳ пас аз як сол дирамҳои нави мисии нуқраандуд баровarda шуд, ки дар онҳо низ суханони «боваркунонанда», вале акнун бо оҳанги таҳдидомез, сабт гардида буд: бо ин мақсад дар навиштаҳои рӯйи пул се мартаба бо исрор таъкид мешуд, ки ин тангаҳои худи Чингизхон аст. Аммо самарқандиҳо аз ин натарсиданд. Ба ин сабаб дар соли 1232 дирамҳое пайдо шуданд, ки дар рӯйи онҳо ба забони тоҷикӣ суханони ошкоро таҳдидкунанда сабт ёфта буд: «Ҳар касе, ки дар Самарқанд ва ноҳияи ин шаҳр ин пулро нагирад, ҷинояткор аст».

Аз ин чунин бармеояд, ки дар он вақтҳо Самарқанд сахттарин буҳрони муомилоти пулиро аз сар мегузаронид: касе намехост моли худро ба пули мисии нуқраандуд фурӯшад, лекин пули дигар мавҷуд набуд.

Аз хоҳишу таҳдид чизе ҳосил нашуд. Ҳукумат маҷбур гардид, ки дар Самарқанд пули нуқраи асил барорад. Вале ин иқдом вазъиятро фақат бадтар кард: тангаҳои нуқра, ҳамин ки ба дасти касе афтад, дигар берун намебаромад ва дере нагузашта захираи ин пул ба итмом расид. Дар чунин шароит бозгаштан ба дирамҳои мисии нуқраандуд умуман, аз ақл берун буд. Инак, Самарқанди як замон бузургтарин маркази бозаргонию ҳунармандии Осиёи Миёна ба «давраи бепулӣ» қадам гузошт: тиҷорати пулӣ тамоман қатъ гардид.

Вазъияти тиҷорат дар дигар вилоятҳои калоне, ки як вақтҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле нашъунамо доштанд, боз ҳам бадтар буд. Чунончи, дар Фарғона, Шош, Тирмиз, Чағониён ва бисёр шаҳру вилоятҳо пас аз истилои муғул умуман пул баровarda нашуд. Агар дар ин маҳалҳо ягон қадар тиҷорати дохилӣ вуҷуд дошта бошад, тадриҷан ба дараҷаи содатарин додугирифти молӣ таназзул намуд.

### Шӯриши Маҳмуди Торобӣ

Аз солҳои 30-юми асри XIII дар байни аҳолии воҳаҳои зироатӣ ва пешаварони шаҳр ҷунбиши зидди золимони аҷнабӣ ва маҳаллӣ шурӯъ гардид. Ин ҷунбиш махсусан дар Бухоро пурқувват шуд ва дар соли 1238 шӯрише дар ин ҷо ба амал омад, ки бо номи «шӯриши Маҳмуди Торобӣ» машҳур аст.[10]

Бухороро асосан намояндагони аъён ва ашрофи феодалии маҳаллӣ (амирон ва садрҳо), ки дар зулм кардан ба халқ аз хонҳои муғул ақиб

[10] Бартолд В.В., 1963 б, с. 545-547; Якубовский А. Ю., 1936, с. 101-135.

намемонданд, идора мекарданд. Бинобар ин, ҳеҷ ҷойи тааҷҷуб нест, ки аввалин душмани бархӯрдаи шӯришиён ҳукмронони маҳаллии Бухоро буданд.

Роҳбари шӯриш «Маҳмуд» ном яке аз пешаварони элакбофи деҳаи Тороб буд. Вай дар кӯчаҳои Тороб ва деҳаҳои атрофи он нутқҳои ғазабнок эрод карда, оммаро ба муборизаи зидди зулми истилогарон ва тарафдорони онҳо даъват намуд. Ҳукмронони Бухоро дар садади дастгир кардани ӯ афтоданд. Пас аз он ки кӯшиши фурӯ нишондани шӯриш натиҷае набахшид, онҳо хостанд, ки Маҳмудро бо фиреб аз Тороб ба Бухоро бурда, дар он ҷо ба қатл расонанд ва, ба ин тариқа, шӯришро бе раҳбар кунанд. Лекин Маҳмуди Торобӣ қасди душманро пешакӣ фаҳмида, хатари таҳдидкунандаро бартараф намуд. Ӯ ба Бухоро танҳо нарафта, бисёре аз пайравонашро бо худ гирифт.

Тарафдорони пуршумори Маҳмуд дар яке аз теппаҳои наздикии шаҳри Бухоро ҷамъ шуданд ва Маҳмуд дар ҳузури иддаи зиёди аҳолии заҳматкаш нутқ эрод намуд ва мардумро ба муборизаи мусаллаҳона даъват кард. Ин нутқи Маҳмуди Торобӣ хеле муваффақият пайдо кард. Ҳамаи аҳолии маҳалҳои атроф омада ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Вақте ки Маҳмуд қувваи бузурге ҷамъ намуд, аз рӯҳониён, садрҳо ва дигар намояндагони табақаи ҳоким талаб намуд, ки ӯро халифа хонанд. Намояндагони синфи ҳоким ба вазъияти танг афтоданд: азбаски халқ тамоман ба тарафи шӯришиён гузашта буд, онҳо ба ҷуз қабул кардани талаби Маҳмуд дигар чорае надоштанд. Маҳмуд қасри пешвои қиёми халқӣ – Малик Санҷарро, ки дар соли 1206 сохта шуда буд, иқоматгоҳи худ муқаррар карда, ба иҷрои нақшаҳояш иқдом намуд. Садрҳо ва соири намояндагони табақаи ҳоким аз шаҳр ронда шуданд.

Муаррих Ҷувайнӣ, ки шӯриши Маҳмуди Торобиро аз мавқеи синфии худ бо назари манфӣ тасвир намудааст, дар бораи тадбироти нисбат ба синфҳои ҳоким пеш гирифтаи Маҳмуд чунин менависад: «Вай аксарияти одамони наҷиб ва муҳтарамро таҳқир намуд ва қисми дигари ин гурӯҳ гурехта, худро аз ӯ халос карданд».

Дар айни замон Ҷувайнӣ маҷбур шудааст эътироф намояд, ки ӯ (Маҳмуди Торобӣ) ба мардуми авом ва дарбадарони бехонумон хайрхоҳӣ мекард... Одамонро ба хонаҳои тавонгарон мефиристод, ки аз он ҷо хайма ва қолин оварда ӯрдугоҳ созанд.

Аз ин суханони Ҷувайнӣ маълум мешавад, ки Маҳмуд барои марҳилаи минбаъдаи мубориза ба тарзи ҷиддӣ тайёрӣ медидааст. Ӯ ба хубӣ медонист, ки «бузургони» Бухоро аз муқовимат даст намекашанд ва онҳо барои баргардонидани ҳокимияти аздастрафтаи худ, албатта, кӯшиш хоҳанд кард.

Садрҳо ва дигар намояндагони табақаи ҳоким дар Кармина қарор гирифта, бо ҳамроҳии қувваҳои мусаллаҳи муғулҳо низ ба ҷанг омода мегардиданд.

Дар наздикии шаҳри Бухоро дар байни шӯришиён ва аскарони муғул муҳорибаи сахте ба амал омад. Қувваи шӯришиён хеле хуб ташкил шуда буд. Онҳо бо шуҷоат ва мардонагӣ меҷангиданд. Маҳмуди Торобӣ шахсан ҳамеша дар миёни корзор буд. Аҳолии деҳаҳои атроф бо каланд ва табар мусаллаҳ шуда, ба кумаки шӯришиён омаданд. Ин хеле ғалабаи шӯришиёнро тезтар намуд. Қӯшуни муғулҳо ва феодалони маҳаллӣ шикаст хӯрда, ақиб нишастанд. Шӯришиён онҳоро то Кармина таъқиб намуда, аксарашонро нобуд карданд. Чунонки Ҷувайнӣ тасдиқ мекунад, дар ин муҳориба 10 ҳазор кас кушта шуд.

Лекин ҷараёни мубориза ба зудӣ тағйир ёфта, шӯриш ба шикаст дучор гардид. Пешво ва ташкилкунандаи он – Маҳмуди Торобӣ дар наздикии Кармина кушта шуд. Дигар аз роҳбарони боистеъдоди шӯришиён, дӯсти Маҳмуд – Шамсиддин Маҳбубӣ низ ҳалок гардид. Шӯришиёне, ки аз сардор маҳрум монда ва аз ҷиҳати яроқ камбудӣ доштанд, чанд рӯз пас аз ин воқеа комилан мағлуб гардиданд. Аҳолии Бухоро ва сокинони атрофи он ба тарзи бераҳмонае қатлу ғорат шуданд.

Ҷувайнӣ дар воқеаномаи худ бо ҳар васила кӯшиш кардааст, ки симои Маҳмуди Торобиро бархилофи ҳақиқат нишон диҳад. Ӯ Маҳмудро ҳамчун як марди мутаассиби нимдевона тасвир намуда, мегӯяд, ки аз паси вай фақат «мардуми авом ва дарбадар» мерафтанд. Ин суханони душмани синфии шӯриши халқ бори дигар ба исбот мерасонанд, ки ҷунбиши Маҳмуди Торобӣ ҳақиқатан дорои хусусиятҳои халқӣ будааст.

Шӯриши Маҳмуди Торобӣ на фақат ба муқобили ғосибони муғул ва зулми онҳо, балки бар зидди рӯҳониён, тоҷирон ва феодалони маҳаллӣ, ки истилогаронро пуштибонӣ мекарданд, равона гардида буд. Барзгарон ва пешаварон ба ин сабаб аз паси Маҳмуд рафтанд, ки ӯ ба муқобили зулму ҷабри номаҳдуди тавонгарон сар бардошта, тақсим намудани молу мулки онҳоро дар байни фақирон ва бенавоён талаб мекард.

Маҳмуди Торобӣ дар асл, бархилофи Ҷувайнӣ, ки «одами мутаассиби нимдевона» тасвир мекунад, як марди оқили хеле шуҷоъ буд. Ӯ дар роҳи манфиати халқ аз ҳеҷ душворӣ рӯ намегардонд ва намеҳаросид. Аз ин ҷост, ки Маҳмуди Торобӣ дар таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна мақоми барҷастаеро ишғол намудааст.

## Сиёсати дохилии Мангуқоон ва ҳокими тоҷир – Масъудбек

Аз истилои Осиёи Миёна ва Эрон дере нагузашта дар байни хонҳо ва ашрофи муғул нисбат ба аҳолии муқимии ноҳияҳои забтшуда ду тамоюл ба таври равшан падидор гардид. Асосҳои иҷтимоии ин тамоюлот аз тарафи А.Ю.Якубовский ва И.П.Петрушевский мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.[11] Ифодакунандаи як тамоюл қисми зиёди ашрофи бодиянишини ҳарбӣ (чи муғул ва чи турк), аксари шоҳзодагон ва баъзе қоонҳо–соҳибдавлатони оли муғул ба шумор мерафтанд. Онҳо беибо мардумро талаву тороҷ мекарданд, ба оташ меандохтанд, ба асорат мебурданд ва ҳеҷ андешае надоштанд, ки дар натиҷаи чунин муносибат бо аҳолии маҳаллӣ худро хеле зуд аз даромадҳои беҳаддуҳисоб ва оидоти мунтазами замин, касбу ҳунар ва тиҷорат маҳрум месозанд. Қисмате аз аъёну ашроф ва бозургонони маҳаллӣ, ки аз ғорат ва яғмогарӣ ба зудӣ сарвати фаровон ба даст овардани буданд, низ ба ин гурӯҳ ҳамроҳ шуданд.

Ифодакунандаи дигар тамоюл баъзе қоонҳо ва қисмати ками ашрофи бодиянишини муғул, амалдорон, рӯҳониён ва аксари тоҷирон буданд. Ин табақаҳои синфи ҳукмронро ҷидду ҷаҳд дар роҳи таъсиси ҳокимияти пуриқтидори марказиятнок, мубориза бо кайфияти ҷудоихоҳии намояндагони равияи аввал, ниҳоят равшану возеҳ фаҳмидани зарурати бас кардани ғорат ва хонавайрон сохтани аҳолии муқимӣ ба ҳам муттаҳид менамуд. Ба тахти

[11] Якубовский А. Ю., 1932, с. 52–53; Петрушевский И.П., 1960, с. 48 ва мобаъд.

ҳимояи худ гирифтани шаҳрҳо ва умури тиҷорат, аниқ муайян кардани ҳаҷми хироҷ ва молиёт, аз андозҳои худсарона раҳонидани рустоиёну шаҳриён, роҳ надодан ба зери по шудани киштзорҳо ва хароб гардидани ободиҳо – чунин буд сиёсати пешгирифтаи онҳо, ки бидуни он барқарор кардан ва ба роҳи инкишоф даровардани хоҷагии тамоман харобшуда муяссар намегардид. Албатта, асли мақсади онҳо аз тараққӣ додани хоҷагӣ аҳолии меҳнаткашро бештар ва бо самараи зиёд истисмор кардан буд. Намояндагони тамоюли дувум ба хубӣ мефаҳмиданд, ки пеш нагирифтани чунин тадбир ба маънии теша бар решаи манфиатҳои худ задан аст, зеро як дафъа тороҷ кардан ба ҳеҷ ваҷҳ ба даромади фаровоне, ки ҳар сол ва мунтазам аз хоҷагии қишлоқ, шаҳр, соҳаҳои касбу ҳунар ва тиҷорат ба даст меояд, баробар шуда наметавонад.

Мангуқоон, ки соли 1251 ба сари ҳокимият омада буд ва ҳокими тоҷир Масъудбек – писари Маҳмуди Ялавоч аз намояндагони барҷастаи ин тамоюл ба шумор мерафтанд. Муаррихон ба маълумоти то замони мо расидаи сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба фаъолияти Мангуқоон ба дараҷаи лозима диққат надода, амру фармонҳои ӯро ҳамчун кӯшишҳои истисноӣ дар роҳи маҳдуд кардани худсариҳои ҳокимони маҳаллӣ донистаанд.

Ҳол он ки агар мазмуни фармонҳои Мангуқоон ба мадракҳои сиккашиносӣ муқоиса карда шавад, дар пеши назар на ин ки тадбироти парешон, балки сиёсати дохилии ба як мақсади муайян нигаронидашудаи ӯ намоён мегардад, ки татбиқи амалии баъзе аз ҷанбаҳои онро лоақал дар Осиёи Миёна метавон мушоҳида намуд.

Дар аҳди Мангуқоон андози сарикасӣ (сарона) ба низоми муайян дароварда шуда, дар бисёр шаҳрҳои Осиёи Миёна ва берун аз ҳудуди он зарби муназзами динорҳои тиллои якиёра ҷорӣ гардид.

Умуман, дар шароити феодализм ва хусусан дар ҳолати хисорати хоҷагии пас аз истилои муғул тангаҳои тиллои баландиёр шаклан хеле калон буда, ба ҳаҷми тиҷорати дохилӣ ва савияи нархи молҳои асосӣ мувофиқат намекард. Барои ин ки динори тилло василаи муомилоти умумидавлатӣ гардад ва бо ин роҳ ба истиқрор ва инкишофи тиҷорати пулӣ мусоидат кунад, ба он иёри паст (тақрибан 60 фоиз тиллои тоза) муқаррар карда шуд. Ба ин восита пул ва мол то андозае ба ҳам «наздик» гардид.

Рашидаддин дигар чорабиниҳои Мангуқоонро ба тариқи зайл тавсиф намудааст: «Чун пас аз (фавти) Гуюкхон бисёр хонзодаву маликзодаҳо ба одамон ярлиқу пайзаҳои беадад доданд ва ба тамоми гӯшаву канори давлат гумоштаҳо фиристода, хосу омро ба хотири сарукор доштан бо онҳо дар тиҷорат ва бо сабабҳои дигар пуштибонӣ мекарданд, Мангуқоон бо фармоне ба ашхоси мазбур дастур дод, ки ҳар яке дар музофоти худ ҳамаи ярлиқу пайзаҳои аз Чингизхон, Ӯқтойхон ва Гуюкхон, ҳамчунин аз дигар шаҳзодаҳо гирифтан одамонро пас бигиранд».[12]

Хироҷу андозҳои пештараи миёншикан ва номаҳдуд бекор карда шуданд. Аз ҷумла, Мангуқоон тамоми ярлиқу пайзаҳои пас аз марги Чингизхон интишорёфтаро аз эътибор соқит намуд. Ӯ ҳамчунин аз аҳолӣ асп гирифтани қосидонро манъ карда, барои онҳо меъёри нақлиёти почтаро муқаррар сохт. Ба ашхоси ҷудогона умуман истифодаи аспҳои давлат манъ карда шуд. Мангуқоон

---

[12] Рашидаддин, II, 1960, с. 141.

бесабаб ба шаҳру деҳот рафтан ва барои худ аз аҳли деҳа баҳудаву беҳуда чиз талаб карданро иҷозат намедод. Ҳатто таъкид мекард, ки аз аҳолӣ пасмонда ҷамъ накунанд. Боз як чиз ҷолиби диққат аст, ки дар аҳди Мангуқоон фармонҳо ба забони ҳамон халқҳое, ки фармон ба онҳо дахл дошт, содир мегардид. Барои муғулҳои бо муносибати беэътиноёна нисбат ба халқҳои мутеъ одаткарда ақдномае амал мекард, ки сиёсати муайяни дурандешона ба он водор менамуд.

Ба ин тариқа, тадбироти ҷорикардаи Мангуқоон ба таъйини миқдор ва ҳаҷми хироҷ, аз андозҳои ниҳоят худсарона ва номаҳдуд ҳимоя кардани аҳолӣ ва роҳ кушодан ба нашъунамои ҳаёти шаҳрҳо ва тиҷорат равона гардида буд. Худи амри дар миёнаҳои асри XIII ба эътибори қонун даровардани ин қабил тадбирот аз ғалабаи ба назар намоёни тамоюли дувум дар арсаи сиёсат ба шумор меравад. Яке аз илҳомбахшу амалкунандагони асосии ин сиёсат Масъудбек буд, ки дар замони Мангуқоон ба сарзамини паҳноваре аз Уйғуристон то Хоразм ҳукмфармоӣ мекард. Оё ин ҳама амру фармонҳо дар амал муваффақияте пайдо карда буданд?

Дар Эрон, чунонки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ҷорӣ гардидани андози сарона ба сабаби суиистеъмоли аз ҳад зиёди амалдорон ва муғулҳо барои аҳолӣ ягон сабукӣ наовард. Аммо муайян кардани ҳадди хироҷҳо ва бекор кардани баъзе андозҳои худсарона дар истиқрори хоҷагии Осиёи Миёна роли мусбат бозид. Он чи оид ба ҳаёти шаҳр ва тиҷорати пулӣ бошад, дар ин бобат муваффақият боз ҳам бештар аст. Сиккаҳои тилло тиҷорати пулиро равнақ дод. Ба асоси муомилоти пулӣ на ин ки тангаи бутун, балки қисматҳо ва пораҳои баркаши он гузошта шуд. Агар ба ин боз паст гардидани иёри тангаи тилло илова карда шавад, ба доираи хеле васеи тиҷорат ва муомилоти дар миқёси тамоми мамлакат яксон хизмат кардани он ба хубӣ равшан хоҳад шуд. Ба ғайр аз ин қабил пулҳои умумидавлатӣ як қатор шаҳрҳо дубора ба зарби сиккаҳои мисии нуқраандуд шурӯъ намуданд. Аз ин ҷиҳат, авҷ гирифтани кори зарробхонаҳои чунин шаҳрҳо, монанди Утрор ва Хуҷандро, ки аз нашъунамои дубораи чи худи ин шаҳрҳо (маълум аст, ки Утрор дар давраи футуҳоти муғул тамоман хароб гардида буд) ва чи Фарғона ва умуман қисмати шимолу шарқи давлат гувоҳӣ медиҳад, махсус бояд қайд кард. Ин ноҳияҳои мамлакат мустақиман пеш мерафтанд. Баъдтар, дар чоряки охири асри XIII онҳо ба авҷи тараққии худ расида тавонистанд, ҳарчанд бештарин қисмати Ҳафтрӯд дар миёнаҳои асри XIII ба чарогоҳ табдил шуда, аксари шаҳрҳои он харобазор гардида буд.

## Ислоҳоти пулии Масъудбек.
## Қисман барқарор шудани ҳаёти шаҳр ва тиҷорат

Дар ибтидои солҳои 70-уми асри XIII Масъудбек муҳимтарин ислоҳоти пулӣ ба амал овард.[13] Ин аз ғалабаи нави хеле ҷиддӣ ва пайдарпайи тамоюли дувум гувоҳӣ медод. Ислоҳот соли 1271 эълон шуда, асосан дар бист соли охири асри XIII амалан ҷорӣ гардид ва муваффақият пайдо намуд.

Мазмуни асосии ин ислоҳотро дар бисёрии шаҳру вилоятҳои Осиёи Миёна гузаштан ба зарби муназзами сиккаи нуқраи аз ҷиҳати вазну иёр дар ҳама ҷо баробар ташкил мекард. Ин гуна сиккаҳо, сарфи назар аз маҳалли бароварда шуданашон, дар муомилоти умумидавлатӣ эътибор доштанд. Ин воқеан ҳам

[13] Роҷеъ ба тафсили ин ислоҳот ниг.: Давидович Е. А., 1970 а.

дар тиҷорати пулӣ як инқилобе ба шумор мерафт. Пули нуқра беш аз ҳама ба нарху наво ва ҳаҷми тиҷорати дохилии Осиёи Миёнаи феодалӣ мувофиқат мекард. Вале зиёда аз дуним аср дар Осиёи Миёна зарби нуқра ба таври мунтазам ба амал омад ва қатлу ғорати истилокорони муғул бартараф намудани буҳрони ин пулро хеле ба таъхир андохт.

Борҳо барои баргаштан ба муомилоти пули нуқра кӯшиш карда шуд, аммо ҳамаи ин кӯшишҳо натиҷае набахшиданд. Ислоҳоти Масъудбек бошад, муваффақияти тамом пайдо кард, ки аз тайёрии хуб ва саривақтии ин тадбир гувоҳӣ медод.

Зарби сиккаи нуқра озод буд, ҳар кас метавонист нуқраи худро ба зарробхона бурда, ба музди муайяне барояш пул созонад. Ислоҳот ҳамон вақт комилан муваффақият пайдо мекард, ки ба ташкили зарби озодонаи сикка имконият муҳайё шавад, дорандагони нуқра худро «маълум» кунанд ва нуқраи худро ба зарробхона биёваранд. Муҳимтар аз ҳама ба ин кор бовар кунондани одамон буд. Онҳо бояд барои эмин будан аз худсарӣ, зӯроварӣ ва ғоратгарии муғулҳо замонат дошта бошанд ва ба хубӣ бифаҳманд, ки ин тадбир ягон фиреби ба манфиати худ пешгирифтаи ҳукумат нест. Чунонки ҷараёни амалӣ гардидани ислоҳот нишон медиҳад, нобоварии одамон зуд бартараф нашуда ва хусусияти он дар ҳама ҷо яксон набудааст.

Ҳарчанд Масъудбек барои дар ҳамаи маҳалҳо ҷорӣ кардани зарби пули нуқра кӯшишҳои махсус ба харҷ дод, ин кор ба ӯ якбора муяссар нагардид.

Дар солҳои 70-уми асри XIII фақат як қисмати хеле ками зарробхонаҳо ба кор шурӯъ намуда, маҳсули онҳо ба дараҷаи кофӣ набуд. Танҳо дар солҳои 80-90-уми асри XIII камаш дар 16 шаҳру вилоят зарробхона кушода шуда, зарби пули нуқра ҳақиқатан ҳам фаровон гардид. Аз ин чунин бармеояд, ки дар ин вақт аз худсариву ғорати муғулҳо замонати лозима мавҷуд буда, барои пешрафти ҳаёти шаҳрҳо ва тиҷорат шароити муътадил фароҳам омада будааст.

Соли 1269, андаке пеш аз ислоҳот, дар соҳили дарёи Талас қурултой барпо гардида, дар он хонзодаҳои муғул ба зистан дар дашту кӯҳсор, поймол накардани киштзорҳо, дахолат накардан ба кори аҳолии муқимӣ ва қаноат намудан ба андозу молиёти муқарраршуда ваъда доданд. Маълум, ки баъзе аз ин уҳдадориҳо иҷро шуда будааст, вагарна ислоҳоти Масъудбек ба ин дараҷа муваффақият пайдо намекард. Қарори қурултои соли 1269 ва амри ҷорӣ гардидани ислоҳот бо ҳам вобастагии қавӣ доранд: қурултой он замонатҳоеро дод, ки бидуни онҳо барои гузаронидани чунин ислоҳот, ҳатто ҳоҷати кӯшиш кардан ҳам набуд.

Муборизаи ду тамоюл ҳамоно давом мекард ва ғалабаи тамоюли дувум ҳеҷ гоҳ ба таври қатъӣ сурат наёфта буд. Мисоли равшани ин иддао тақдири Бухорост, ки маҳз баъди қурултои соли 1269 ва ҳангоми гузаронидани ислоҳоти пул дар солҳои 1273 ва 1276 аз тарафи хонзодаҳои ҳалокуӣ ва чағатоӣ ба ниҳояти харобӣ расид ва муддати ҳафт соли тамом аз ҷиҳати нуфус холӣ монд. Дар чоряки аввали асри XIV низ воҳаи Бухоро боз вайронаҳои зиёде дошта, боғоту токзорҳои он дар ҳолати харобӣ буданд.[14] Дар ин маврид ҳам бояд махсус қайд кард, ки Масъудбек барои ободонии Бухоро ва барқарор

[14] Петрушевский И. П., 1949; Чехович О. Д, 1965 а, с. 14.

кардани нуфуси он тадбирҳои муассир пешбинӣ намуд ва ба ин васила дар солҳои 1282–1283, ҳатто дар ин ҷо зарби муназзами сиккаҳои нуқра шурӯъ гардид, ки аз эҳёи ҳаёти шаҳр ва тиҷорати пулӣ гувоҳӣ медиҳад. Ин ҳам ҷолиби диққат аст, ки Тувахон (1282–1283) дар Фарғона шаҳри Андиҷонро бино кард ва ин шаҳр бо суръати тамом равнақ пайдо намуд.

Ба ин тариқа, ислоҳоти пул, чунонки мадракҳои сиккашиносӣ шаҳодат медиҳанд, дар охирҳои асри XIII нисбат ба вақти пештара муваффақияти калоне ба даст овард ва дар ин замина истеҳсолоти молӣ ва умуман ҳаёти шаҳрҳо қисман барқарор гардида, ба тараққӣ рӯ ниҳод. Зоҳиран, вазъи шаҳрҳо ва тиҷорат дар вилоятҳои шимолу шарқии Осиёи Миёна, ҳамчунин як қисми Ҳафтрӯд (хусусан сиккаҳои Тироз, Ганҷдеҳ, Утрор ва ғ. хеле фаровон буд), шаҳрҳои Фарғона, вилояти Шош нисбатан беҳтар будааст. Барқарор гардидани шаҳрҳои Мовароуннаҳр бисёр суст ба вуқӯъ меомад, бо вуҷуди ин, дар зарфи бист соли охири асри XIII ва ибтидои асри XIV дар ин ҷо низ муваффақиятҳои ба назар намоён ба даст оварда шуданд.

Он чи оид ба вазъияти хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна дар ибтидои асри XIV бошад, мо дар даст маълумоти хеле кам дорем. Яке аз ҳуҷҷатҳое, ки дар бобати равшан сохтани баъзе ҷиҳатҳои ин масъала аҳамият дорад, вақфномаи мансуб ба соли 1299 мебошад. Дар ин вақфнома гуфта мешавад, ки таъсискунандаи вақф аз наздикиҳои Бухоро (тахминан сӣ километр дуртар дар қисмати шимоли он) деҳаеро бо заминҳои зиёди обёришавандааш тамоман харида, боз як деҳкада, ду масҷид, манзилҳои хуб барои хидматкунандагон, осиёб ва чанд (на камтар аз се) устохонаи бофандагӣ сохт.[15]

Худ аз худ маълум аст, ки агар пеш аз ин дар як муддати дурударозе ҳаёти осоишта барқарор намегардид ва ба харҷ кардани пул барои замин ва сохтмон дилпурие намебуд, хариди заминҳои кишт ва ин ҳама бинокориҳо дар ноҳияи Бухоро амри маҳол буд. Он замонате, ки дар қурултои соли 1269 дода шуда буд, то охири асри XIII, чунонки тазаккур ёфт, эътибори худро гум накард ва ин барои қисман эҳё гардидани на фақат ҳаёти шаҳр, балки, зоҳиран, ҳаёти қишлоқ низ шароити мусоид муҳайё намуд.

Албатта, дар ибтидои асри XIV ва умуман дар давоми тамоми ин аср, оқибатҳои харобиовари истилои муғул ба куллӣ бартараф нагардид, хоҷагӣ аз сатҳи пешинаи тараққиёти худ ҳоло хеле дур меистод, истисмори сахт ва андозҳои миёншикан ба барқарор намудани хоҷагӣ мамониат мекард ва ҷараёни ин корро ба таъхир меандохт. Юғи асорати муғулҳо барои халқҳои Осиёи Миёна ниҳоят тоқатфарсо буд ва онро ба ягон балову офат баробар карда намешуд.

Ин ҳама маълумот ва мадракҳо диққати асосиро ба марҳалаҳои барқароршавӣ ва пешрафти нисбии, пеш аз ҳама, ҳаёти шаҳр ва тиҷорат ҷалб карда, нуқтаи назари аксари муаррихонро, ки гӯё барои равнақи шаҳрҳо ва тиҷорати дохилӣ фақат ислоҳоти Кабакхон (1318–1326) имконияти воқеӣ фароҳам оварда ва маҳз Кабакхон ҳарҷу марҷи муомилоти пулиро барҳам дода бошад, рад менамоянд.

[15] Чехович О. Д., 1967, с. 75.

## Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIV

Кабакхон аввалин ҳукмрони муғул аст, ки умеди худро тамоман ба Мовароуннаҳр алоқаманд намуд. Худи ӯ аслан бутпараст буда, дини исломро қабул накарда буд, вале бо уламои ислом доир ба мавзӯъҳои динӣ бо майли тамом суҳбат меорост. Баъзе далелҳое ҳастанд, ки кӯшишҳои гоҳо бобарори ӯро дар роҳи пешгирӣ кардани таъқиботи сахти феодалони бодиянишин нисбат ба аҳолии муқимӣ нишон медиҳанд. Кабакхон дар наздикии Насаф барои худ кӯшк (қаршӣ) бино намуд, ки баъдҳо дар атрофи он шаҳре ба вуҷуд омад ва бо номи Қаршӣ машҳур гардид.

Ба Кабакхон ислоҳоти пулӣ ва идоририро нисбат медиҳанд. Ислоҳоти пулии ӯ аз тарафи М.Е.Массон муфассалан таҳқиқ шудааст.[16] Ин ислоҳот дар соли 1321 бо назардошти системаи пулии давлатии Ҳулокуӣ ва Олтинӯрда гузаронида шуда буд. Тангаи калони нуқраи 8 грамм вазндошта динор номида шуда, бо шаш тангаи хурд, ки дирам меномиданд, баробар буд. Солҳои аввалин сиккаҳои нав (хусусан дирам) бо номи Кабакхон аксаран дар зарробхонаҳои Бухоро ва Самарқанд ба таври хеле фаровон бароварда шуданд. Зарби ин ду навъ пули нуқраро дигар ҳокимон низ давом доданд. Масалан, Тармаширин аз ин пулҳо бисёр баровард ва дар замони ӯ кори зарробхонаи Утрор ҳам хеле авҷ гирифт. Баъдтар зарби ин сиккаҳо миқдоран кам мешавад.

Аксари муаррихон кушоду равшан ба аҳамияти ислоҳоти Кабакхон муболиға кардаанд. Аслан ин ислоҳот дар хоҷагии пулии мамлакат тағйироти куллие, чунонки ислоҳоти Масъуд оварда буд, дохил карда натавонист. Лекин вай барои пешрафти тиҷорати ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ шароити мусоид муҳайё намуд. Худи амри воқеии ҷорӣ гардидани ислоҳот ва тамоми пулбарориҳои давраи он, ҳарчанд ки аз ҷиҳати вусъати худ дар ҳамаи вилоятҳои Осиёи Миёна яксон набуд, умуман ба равнақи шаҳрҳо ва тиҷорати пулӣ шаҳодат медиҳад.

Дар асри XIV муборизаи ду тамоюли дар боло зикршуда нисбат ба аҳолии муқимӣ хеле шиддат ёфт. Масалан, ба Кабакхон лозим омад, ки бо шаҳзодаи исёнкори чағатоӣ Ясовур ҷангу пархоши сахт кунад. Ин шаҳзода бо кумаки қувваҳои ҳарбии амирони хуросонӣ Кабакхонро мағлуб намуд ва сипас, чунон ки сарчашмаҳо хабар медиҳанд, «аз Тирмиз то ҳудуди Самарқанд тамоми аҳолии вилоёт ва деҳотро аз каронаҳои Омул (Амударё) кӯчонид, шаҳрҳо ва маҳалҳои тобеи Кабакхонро ба харобазор табдил дод ва сокинонашонро ба асорат гирифт». Як худи амирони хуросонӣ зиёда аз 50 ҳазор асир ва ғаниматҳои зиёде бурданд. Вақте ки Кабакхон бо нияти зарбаи ҷавобӣ ба мулкҳои хуросонии Ясовур ҳуҷум карданӣ шуд, шаҳзодаи чағатоӣ ба сокинони Фороб ва Мурғоб амр кард, ки ба вилояти Ҳирот кӯчанд. Ҳангоми ин муҳоҷират чандин даҳҳо ҳазор одамон аз хунукӣ ва гуруснагӣ ҳалок шуданд. Ҷангу ҷидолҳои феодалии солҳои 1316–1319, ки дар натиҷаи исёни Ясовур сар зада буд, ба мардуми Осиёи Миёна зарарҳои ниҳоят калоне расонид.

Вориси Кабакхон – Тармаширин (1326–1334) асосан сиёсати бародари худро давом дод. Ӯ ба анъана ва урфу одатҳои зиндагонии муқимӣ боз ҳам

[16] Массон М. Е.. 1957.

бештар майл намуда, мусулмони боғайрат гардид ва дини исломро мазҳаби расмии давлати Чағатоиён эълон кард. Эътироз ва норизогии феодалони саҳронишин ба ошӯбу исён табдил ёфта, ниҳоят бо қатли Тармаширин анҷом ёфт.[17]

Низоъҳои байнихудӣ ба ҳаёти шаҳр ва зироати Ҳафтрӯд чунон зарбаи сахт расонид, ки ислоҳи он дигар аз имкон берун буд.

Ин вазъият дар яке аз сарчашмаҳо аз рӯйи нақли як марди сайёҳ бо чунин суханони образнок баён ёфтааст: «Аз дур як деҳаи хушиморати гирду атрофаш сабзу хуррам ба назар менамояд. Нияти вохӯрдан бо сокинонаш туро ба он ҷо мебарад, вале чун менигарӣ, ҳавлиҳои он холист. Тамоми аҳолии мамлакат бодиянишин буда, ба корҳои зироат ҳеҷ машғул намешаванд».[18]

Ислоҳоти идорие, ки Осиёи Миёнаро ба воҳидҳои хурди маъмурӣ – туманҳо тақсим мекард, ба ҳаёти мамлакат мебоист таъсири муайяне мегузошт. Доир ба замони ҷорӣ гардидани ин ислоҳот нуқтаи назари ягона мавҷуд нест ва, инчунин Кабакхон будани «ҷорикунандаи» он низ ҳанӯз аниқ маълум нагардидааст. В.В.Бартолд тахмин дошт, ки ислоҳот дар байни солҳои 1318–1334 (яъне дар замони Кабакхон ё худ Тармаширин) гузаронида шудааст.[19] А.Ю.Якубовский чунин изҳори ақида карда буд, ки ҷорикунандаи он Кабакхон аст, зеро дар вақти ба сари ҳокимият омадани Темур туманҳо вуҷуд доштанд, аммо пеш аз Кабакхон аз онҳо ному нишоне ҳам набуд, пас аз Кабакхон касе наметавонист ин ислоҳотро гузаронад.[20] О.Д.Чехович, ки истилоҳи «туман»-ро дар вақфномаи соли 1299 дучор оварда буд (дуруст аст, ки ин калима на дар манбаи аслии арабӣ, балки дар тарҷумаи форсии ин ҳуҷҷат мавҷуд аст), эҳтимоли хеле вақт пеш аз Кабакхон вуҷуд доштани туманро ҳамчун воҳиди маъмурӣ фаразан изҳор намудааст.[21]

Муҳаққиқон ин ислоҳотро тазоҳури майлҳои ба як марказ муттаҳид кардани мамлакат донистаанд. А.Ю.Якубовский хотирнишон карда буд, ки «...онро бояд ҳамчун як иқдоми прогрессивие, ки дар тараққиёти давлати феодалии Мовароуннаҳр роли мусбат бозидааст, эътироф намуд». Дар айни замон, ӯ чунин ҳисоб мекард, ки «ислоҳоти идории Кабакхон мулкҳои феодалиро бо моликонаш аз байн набурда, балки ба он мувофиқ гардид; мулк ба воҳиди маъмурии туман ва соҳиби пештараи он ба қоиммақоми туман табдил ёфтанд». Бо вуҷуди ин, вақфномаи соли 1326 барои дурусттар дарк намудани аҳамияти ин ислоҳот ва донистани тағйироти амиқтари дар идораи маъмурию сиёсӣ баамаловардаи он имкон медиҳад. Дар байни шартҳои пешгузоштаи бахшандагони вақф чунин зарурате ҳам таъкид шуда буд, ки маҳалҳои вақфро «ба ҳокимони шаҳри Бухоро ва дигар вилоятҳо аз ҷумлаи амирони туманҳо, маликҳо, босқоқҳо ва вазирони девон»[22] иҷора додан мумкин нест. Дар ин ҷо зикри мулкдорони ирсӣ ва ҳокимони аслии пеш аз муғул бо туман алоқаманд карда нашудааст. Туманҳоро амирон, яъне саркардагон ва аъёну ашрофи тоифаҳои турку муғул идора мекарданд. Дар

---

[17] Бартолд В. В., 1963 а, с. 74–76; Строева Л. В.. 1958., с. 210-216.
[18] Бартолд В. В., 1963 е, с. 264.
[19] Бартолд В. В., 1963 ж, с. 153; 1964, с. 33.
[20] «Таърихи халқҳои Ӯзбекистон», I, с. 338–340.
[21] Чехович О. Д., 1967, с. 67.
[22] Чехович О. Д., 1965, с. 107-108 (матн), 183 (тарҷума).

чунин маврид, худ аз худ маълум аст, ки мулки малик ва туман як мафҳумро ифода намекунад. Мумкин аст, ин ислоҳоти идорӣ, назар ба он чи ки пештар ангошта мешуд, дар тарзи идораи куҳна тағйироти ҷиддитаре ба амал оварда бошад. Аз эҳтимол дур нест, ки яке аз вазифаҳои ин ислоҳот барҳам додани мухторияти мулкдорон – ҳокимони маҳаллӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, чунин тахмини В.В.Бартолд ба ҳақиқат нисбатан наздиктар аст, ки ба туманҳо тақсим кардани мамлакат, «монанди Эрон, бо ҷудо карда додани амлоки хоса ба намояндагони хонадонҳое марбут мебошанд, ки ба Мовароуннаҳр ҳамроҳи хон омадаанд»;[23] арлатҳо дар қисмати шимолии Афғонистон, қавгинҳо дар ҷануби Тоҷикистон, ҷалоириҳо дар Хуҷанд, барлосҳо дар водии Қашқадарё ва ғайра ҷойгир шудаанд. Он чи ки ашрофи турку муғул на фақат дар ҳудуди амлоки худ, балки берун аз он ҳам мавқеъҳои асосиро дар идораи маъмурии мамлакат ишғол намуданд, муҳимтарин ҷиҳат дар тавсифи, ҳам худи ислоҳоти идорӣ ва ҳам протсесси ба тамоми соҳаҳои ҳаёти муқимӣ ворид шудани ашрофи бодиянишин мебошад. Бо ин ҳама, умуман масъалаи аҳамият ва мақсади ин ислоҳот ба таҳқиқи ҳамаҷониба эҳтиёҷ дорад, аз ҷумла, ҳоло равшан нест, ки худи туман чи воҳиди маъмурӣ буд ва дар вақти муқаррар кардани ҳудуди он чи меъёреро ба асос мегирифтанд.

Низоъҳои феодалӣ ба гузаронидани тадбироти прогрессивӣ мамониат мекарданд ва натиҷаҳои онро ба ҳеҷ мубаддал месохтанд. Дар солҳои 40-уми асри XIV Қазонхон равияи сиёсии Кабакхону Тармаширинро пеш гирифта, барои аз нав барқарор намудани ҳокимияти хонӣ кӯшишҳои зиёде намуд. Ӯ бо нияти ба вуҷуд овардани такягоҳи мустаҳкаме дар мубориза бар зидди феодалони бодиянишин дар масофаи ду манзил дуртари тарафи ғарбии Қаршӣ кӯшкқалъаи Занҷирсаройро бино кард. Соли 1346 ӯ дар ҷанг ҳалок гардид. Ба ҷойи вай амир Қазаған, ки дӯстдори урфу одатҳои зиндагии бодиявӣ буд, ба сари ҳокимият омад. Ӯ зимистон вақти худро дар водии Сарой (ноҳияи ҳозираи Панҷи РСС Тоҷикистон) ва тобистон дар шаҳри Мунк гузаронида, бештар ба шикор ва ҳуҷумҳои ғоратгарона машғул мешуд ва ин барои ашрофи бодиянишин, ки аз чунин тохтутозҳо ғанимати бисёре ба даст меоварданд, айни муддао буд. Писари ӯ Абдуллоҳ аз соли 1358 саъю кӯшиш намуд, ки дигар сиёсати ифодакунандаи табақаи болои аҳолии муқимиро ҷорӣ намояд, вале аз мамлакат ронда шуд.

Дар охири солҳои 50-уми асри XIV давлати чағатоӣ тақрибан ба сӣ мулки ҷудогона тақсим гардид. Баъзе аз ин мулкҳо ба феодалони бодиянишин таалуқот пайдо намуд. Масалан, Хуҷанд ба тахти ҳокимияти Боязиди Ҷалоир даромад. Дар сари мулкҳои дигар феодалони маҳаллии ашрофӣ ва динӣ қарор гирифтанд. Чунончи, дар Бухоро садрҳо, дар Хатлон авлоди хонадони қадимаи Кайхусрав, дар Бадахшон ду шоҳи бародар аз сулолаи маҳаллӣ, дар Тирмиз саидҳо ҳукмронӣ мекарданд. Илова бар ин, давлати чағатоӣ боз ба ду қисмат ҷудо шуда, вилоятҳои шимолу шарқии он ба худ номи Муғулистонро гирифтанд.[24]

---

[23] Бартолд В. В., 1964, с. 34.
[24] Бартолд В.В., 1963 а, с. 76-78; Строева Л.В., 1958, с. 216-219.

## 2. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ МУҒУЛҲО

### Категорияҳои моликияти замин. Суюрғол

Муносибати иҷтимоию иқтисодии замони муғулҳо, таъсири истило ва фармонфармоии онҳо ба созмонҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии давлати ҳулокуиҳо ҳаматарафа омӯхта шудааст.[25] Албатта, мушоҳида ва хулосаҳои муаррихони Эронро ба таври механикӣ ба шароити Осиёи Миёна татбиқ кардан мумкин нест, лекин ин маводҳо барои фаҳмидан ва дарк кардани баъзе мадракҳои ғайримустақими оид ба як қатор созмонҳои иҷтимоию иқтисодии онвақтаи Осиёи Миёна кумак мерасонанд.

Бояд қайд кард, ки муаррихон барои аз ҳамин нуқтаи назар ба таври конкретӣ-таърихӣ тадқиқ намудани худи Осиёи Миёна ҳанӯз хеле кам кор кардаанд. Яке аз сабабҳои ин ҳолат сустӣ ва маҳдудияти асосҳои маъхазшиносист. Пеш аз ҳама, ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши сарчашмаҳои маҳаллӣ бояд диққати махсус дод. Тадқиқи вақфномаҳои солҳои 1299 ва 1326–1333, ҳамчунин мушоҳидаҳои О.Д.Чехович доир ба мафҳуми баъзе истилоҳот то чи андоза аҳамият ва ояндаи хуб доштани ин ҷиҳати масъаларо нишон медиҳанд.[26]

Аз ин санадҳо маълум мегардад, ки дар замони муғулҳо заминҳои вақфии Осиёи Миёна на фақат барҳам нахӯрд, балки вазни нисбии онҳо, зоҳиран, зиёдатар гардид. Хонҳои муғул, бо баъзе истисно, ба мардуми ин сарзамин озодии ақоиди мазҳабӣ медоданд. Онҳо аксар вақт рӯҳониёнро (аз ҷумла, рӯҳониёни исломро) аз пардохтани андозу хироҷ озод мекарданд. Ҳатто дар вақтҳои истило ва ғорати саросари мардум молу мулки рӯҳониён эмин мемонд. Албатта, ҳангоми тохтутозҳои истилокорона, ҷангҳои байнихудӣ ва ҳуҷумҳои ғоратгаронаи муғулҳо заминҳои вақф ҳам мисли дигар заминҳо зери по монда, хароб мешуданд. Аммо худи ин категорияи замин мавҷудияти худро ҳамоно давом медод. Агар ин ҳам ба назар гирифта шавад, ки муғулҳо то Кабакхон ба идораи Осиёи Миёна дахолат намекарданд ва кӯшишҳои ба даст даровардани заминро надоштанд, мумкин аст ба чунин хулосае омад, ки фонди заминҳои вақф пас аз истилои муғулҳо кам нашудааст. Дар баробари ба ҳолати муқаррарӣ даромадани ҳаёти хоҷагӣ ин фонд боз ҳам метавонист афзояд, ки дар ин бора вақфномаҳои дар боло зикршуда шаҳодат медиҳанд. Дар соли 1299 Абдурраҳим Муҳаммад ном як шахси давлатманди исфиҷобӣ деҳаеро бо заминҳои шодобаш харида, хуб иморат кард ва ҳамаи инро ба вақф табдил дода, идораи онро ба зиммаи худ ва авлоди худ гузошт. Дар соли 1326 набераи Сайфиддини Бохарзӣ як ноҳияи тамомро аз тарафи ҷанубу шарқи Бухоро ба фоидаи мақбара ва хонақоҳи бобояш тақдим намуд. Чанде пештар аз ин хонзодахоними муғул Сиюркӯктенӣ маблағи калонеро ба сохтмони мадрасаи Бухоро (мадрасаи Хония) тахсис дода, онро бо вақфҳо таъмин кард. Ҳокими тоҷир Масъудбек низ дар Бухоро мадрасае сохт, ки бо номи мадрасаи

---

[25] Ниг.: Ализода А.А., 1956; Бартолд В.В., 1966; Беленитский А. М., 1948; Petrushevsky I.P., 1968; Петрушевский И.П., 1948; 1951; 1960 (ҳамон ҷо феҳрист).

[26] Чехович О. Д., 1959; 1965 а; 1967.

Масъудия машҳур аст ва қабри Масъудбек ҳам дар он ҷост. Мулкҳои вақфи ин мадрасаҳо бояд хеле зиёд бошанд, зеро фақат талабаҳо дар ҳар яке аз онҳо, гӯё ки ба ҳазор нафар мерасидаанд.

Аз эҳтимол дур нест, ки баъзе кӯшишҳои азхуд кардани заминҳои вақф низ зоҳир гардида бошад. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои вақфдиҳандагон, ки ба ҳокимон ва амалдорон иҷора надодани милки вақфро таъкид кардаанд ва он дар вақфномаи соли 1326 зикр ёфтааст, беасос наменамояд.

Дар ин санад ғайр аз заминҳои вақф ҳангоми тавсифи қитъаҳои ба вақф дохилнашуда боз се категорияи замин: милк (мулки хос), мамлакаи инҷу ва мамлакаи девон ном бурда шудааст. Вазни нисбии ҳар кадоми ин категорияҳо дар Осиёи Миёнаи аҳди муғул маълум нест. Ҳам мулки деҳқон ва ҳам мулки феодал дар феҳристи расмии фақеҳон замини милк номида шудааст. Давраи истило ва ҳукмронии муғулҳо ин ду навъи мулкро аз байн набурд. Ба ин сабаб онҳоро мо дар замонҳои баъди муғулҳо низ дучор меорем. Дар давлати Ҳулокуиҳо заминҳое, ки ба сардори давлат, аҳли хонадон ва вассалҳои ӯ тааллуқ доштанд, замини инҷу номида мешуд. Метавонистанд ин гуна заминро ба тариқи хизматона тақдим кунанд, ба вақф диҳанд, туҳфа кунанд, бифурӯшанд ва ғ. Ба фикри И.П.Петрушевский розӣ нашудан мумкин нест, ки ӯ замини инҷуро бо милк муқоиса карда, ҳардуро мутааллиқ ба як категория медонист, фақат бо чунин тафовут, ки замини инҷу дар ихтиёри сардори давлат, хонадони ӯ ва тобеонаш буду милк дар дасти ҳар шахси алоҳида[27]. Албатта, заминҳои инҷу аз андоз озод буданд. Лекин гоҳо аз заминҳои милк ҳам андоз гирифта намешуд. Заминҳои инҷуи Эрон аз заминҳои дар вақти истило ва пас аз мусодирашудаи феодалони маҳаллӣ ва, инчунин аз ҳисоби коммендатсия (замини худро «ба таҳти ҳимояи» яке аз аъзои сулола вогузоштани шахсони ҷудогона) фароҳам омада, захираи онҳо хеле бузург буд. Зоҳиран, заминҳои инҷуи Осиёи Миёна аз заминҳои инҷуи Эрон фарқи казоӣ надоштанд. Лекин мумкин аст, ки вазни нисбӣ ва роҳҳои ба вуҷуд омадани онҳо андаке аз ҳам тафовут кунад. Инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки фақат Кабакхон ва баъзе ворисони ӯ дар сарзамини Мовароуннаҳр ба таври устувор ҷой гирифтанд. Дар ин вақт муносибат бо аҳолии муқимӣ ва тартиботи маҳаллӣ назар ба давраи истило ва даҳсолаҳои аввали он тамоман дигаргун гардида буд. Аз ин рӯ, мумкин аст чунин тахмин кард, ки дар шароити Осиёи Миёна мусодира роҳи асосии пайдоиш ва афзоиши заминҳои инҷу набуд ва умуман захираи ин қабил замин дар ин ҷо он қадар аҳамият надошт. Ҳангоми тадқиқи боз ҳам дақиқтар ва муфассалтари ин масъала, ба қадре ки сарчашма ва маъхазҳо имкон медиҳанд, хариди заминҳои милкро, ки эҳтимол, василаи пур кардани захираи заминҳои инҷу бошад, набояд аз назар соқит намуд. Дар давраҳои дертари Осиёи Миёна чунин ҳодисаҳое маълуманд, ки подшоҳон маҳз заминҳои милкро ба як тариқаи муқаррарӣ бо хату муҳри қозихона ба расмият дароварда, мехариданд.

Замини девон замини давлатӣ ба шумор мерафт. Пас, маълум мешавад, ки дар Осиёи Миёнаи замони муғулҳо аз рӯйи ҳаққи моликият чор категорияи замин: 1) замини давлатӣ, 2) милки феодалӣ ва инҷу, 3) замини вақф ва 4) милки деҳқон мавҷуд будааст.

---

[27] Петрушевский И. П., 1960, с. 224–245.

Шубҳае нест, ки дар замони ҳукмронии муғулҳо дар Осиёи Миёна, мисли Эрон, усули подошҳои феодалӣ вуҷуд дошта, беш аз пеш равнақ пайдо мекард. Дар Эрони онвақта ин подошҳоро бо истилоҳи кухнаи арабӣ иқтаъ ва ё бо истилоҳи нави муғулӣ суюрғол меномиданд. Ҳам иқтаъ ва ҳам суюрғол мумкин буд хурд ё калон бошад. Дар вақтҳои аввал иқтаъро бештар саркардаҳои ҳарбӣ соҳиб гардида, сарбозони қаторӣ бошанд, ба ивази хизмат мол ё пул мегирифтанд. Аммо дар аҳди Ғазанхон ноҳияҳои тамом ба тариқи иқтаъ ба сарбозони муғул тахсис дода шуданд. Ин навъи иқтаъ аз қисматҳои хурди мутааллиқ ба шахсони ҷудогона иборат набуда, балки масоҳати калонеро ташкил мекард, ки ба як воҳиди қӯшун дода мешуд. Амири ҳазорӣ ин замини иқтаъро байни амирони садӣ ва амирони садӣ дар навбати худ байни амирони даҳӣ тақсим мекарданд. Иқтаъ на фақат ҳаққи ба замин ва тамоми даромадҳои он, ба об ва одамони сокини он маҳал доштаи соҳиби худро маҳфуз менамуд, балки ҳамчун мулки меросӣ ҳисоб ёфта, ба иқтаъдор имкони бо тамоми салоҳият аз тобеони худ хироҷ ситониданро ҳам медод.

Суюрғол ифодаи равшантар ва шакли комилтари ҳукмронии феодали ғосиб (турк ё муғул) нисбат ба зироаткорони муқимӣ ҳисоб мешуд, ки дар худ маънии варосат ва масунияти пурраи андозу молиёт ва судиву идоравиро низ нуҳуфта буд. Ба суюрғолҳои калон мулкҳои фарогирандаи, ҳам воҳаҳои ободи зироатӣ ва ҳам даштҳои ҳомун дохил мешуданд.

Масъалаи подошҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна ҳанӯз бар асоси маводҳои конкрети таърихӣ мавриди тадқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Танҳо ҳамин як чиз маълум аст, ки Хуҷанд барои ҷалоириҳо, ноҳияи Қашқадарё барои барлосҳо, ноҳияи ҷануби Тоҷикистон барои қавучинҳо мулкҳои ба тариқи подош соҳибшуда, иқтаъ ё суюрғолҳои онҳо ба шумор мерафтанд.[28]

## Категорияҳои деҳқонон.
## Масъалаи сохти крепостной. Ғуломӣ

Деҳқонон дар замони муғулҳо, мисли пештара ва давраҳои баъдина, гуногунтаркиб буданд. Гурӯҳе аз онҳо дорои имтиёз ва моликияти хусусӣ буда, ба давлат назар ба дигарон камтар андоз мепардохтанд (зоҳиран, ин ҳамон қисмати асосии аҳолист, ки дар натиҷаи хонахароб ва нобудшавӣ миқдоран хеле кам монда буд). Миқдори хеле зиёди деҳқонон заминро иҷора мегирифтанд, ё худ ҳамчун барзгари кироя дар замини доро кор мекарданд. Ин қабил деҳқонон дар вақфномаи соли 1326 бо номи музореъ ёд шудаанд. Аз рӯйи маълумоти ҳамин вақфнома, деҳқонони иҷоранишини заминҳои зироатии вақф сеяки ҳосилро медоданд. Аммо махсус таъкид шуда буд, ки замини вақф аз ду сол зиёдтар ба иҷора дода намешавад.

Мадракҳои ғайримустақими давраҳои баъдтар водор мекунанд чунин тасаввур намоем, ки истилои муғул бақияҳои обшинагӣ – категорияҳои деҳқононро, ки аз насл ба насл дар як деҳа зиндагонӣ карда, соҳиби ҳуқуқи

[28] Ба ин муносибат ибораи «амирони туманҳо», ки дар вақфномаи соли 1326 зикр шудааст, бори дигар ба хотир мерасад. Оё ин туманҳо фақат воҳидҳои маъмурӣ ва соҳибонашон ҳокими онҳо буданд? Ё худ, чунонки дар баъзе вилоятҳои давлати Ҳалокуиҳо мушоҳида мешуд, амирони туманҳо соҳибони калонтарин мулкҳои подошӣ (иқтаъ ё суюрғол) ҳисоб меёфтанд?

«иҷораи доимӣ» ва баъзе дигар ҳуқуқу вазифаҳои умумӣ ва ба ҳам алоқамандкунанда буданд, аз байн набурдааст.

Дар асрҳои XV–XVI чунин бозмондаҳои «обшинаи деҳқонон» дар категорияҳои гуногуни замин: замини давлат, замини милк ва замини вақф дида мешуданд. Аммо чигунагии ин ҳолат дар асрҳои XIII–XIV маълум нест.

Дар вақфномаи соли 1326 боз як категорияи деҳқонон ёд шудааст, ки онро кадевар меномиданд. Кадеварҳо асосан ба парвариши боғоти милк машғулӣ доштанд. Вале аз ин санад равшан нест, ки аҳволи онҳо аз аҳволи деҳқонони иҷоранишин чи тафовуте дорад ва муносибати онҳо бо соҳибони замин чи гуна аст. Зимнан, хидмати боғоти милкро на фақат кадеварҳо, балки боғбонҳо низ баҷо меоварданд. Инро ҳам бояд қайд кард, ки бар тибқи санади мазкур, киштукори заминҳои вақфро ғуломон ҳам, ки аз тарафи вақфдиҳандагон озод карда, ба замин нишонда шуда буданд, анҷом медоданд.

Онҳо ҳақ надоштанд, ки замини вақфро тарк кунанд, дигар аз ҳар ҷиҳат бо деҳқонони иҷоранишин яксон буданд, зеро онҳо низ дар ҳамон шароити пардохти сеяк ҳиссаи ҳосилро додан хизмат мекарданд.

Ба замин вобаста шудани ғуломон ҳанӯз барои сухан рондан аз усули крепостнӣ дар Осиёи Миёна асосе намедиҳад. Дар Эрони замони муғулҳо деҳқононро ба замин побанд намуда, аз ҷое ба ҷойи дигар кӯчиданро манъ мекарданд ва аз миёнаҳои асри XIII сар карда, деҳқонони кӯчидаро ба ҷойҳои пештараи худ бозмегардонидагӣ шуданд. Ярлиқи Ғазанхон аз таърихи соли 1303 инро фақат тасдиқ намуд. Хеле муҳим аст, ки ин на фақат ба деҳқонони иҷоранишини заминҳои иқтаъ, балки ба деҳқонони дар заминҳои милк нишаста низ тааллуқ дошт. И.П.Петрушевский чунин мешуморад, ки ин ҳолат ба тамоми деҳқонони дар ҳар гуна замин нишаста дахл менамуд. Сабабҳои асосии ба заминҳо нишонда мондани деҳқонон ин буд: агар пештар барои нуфуси сершумор замини корам намерасида бошад, пас аз қатлу ғорати истилокорони муғул миқдори аҳолӣ ва замини зироат хеле кам шуд ва бар замми ин, дар натиҷаи истисмори бераҳмонаи хусусан ашрофи ҳарбии феодалӣ деҳқонон ба ҳар тараф фирор намуда, аксари заминҳо нокишта монд. Ин буд, ки хонҳои муғул аз рӯйи манфиати давлат ва феодалон, ки нигоҳ доштани деҳқононро ҳамчун адокунандаи андозу хироҷ, яъне манбаи даромад тақозо мекард, сиёсати ба замин баста мондани деҳқононро ҷорӣ намуданд. Ин сиёсат боз аз он сабаб ҳам пеш гирифта шуд, ки вай ба нуктаҳои асосии Ясои чингизӣ, ки ба пешвоёни худ комилан мутеъ будани мардуми бодиянишин ва қатъан мумкин набудани ҳаракати худсаронаи онҳоро талқин мекард, мутобиқат дошт.[29]

Шароити Осиёи Миёна низ ба ҳамин минвол буд. Дар ин ҷо ҳам миқдори аҳолӣ ва замини зироат кам шуда, хоҷагии деҳқонон хароб ва зулму истисмор афзунтар мегардид. Дар ҳамон навоҳии Осиёи Миёна (аз қабили Туркманистони ҷанубӣ), ки ба ҳайати давлати Ҳулокуиҳо дохил мешуданд, мисли дигар вилоятҳои ин давлат ҳодисаи ба замин побанд карда мондани деҳқонон ба таомул даромада буд. Аммо мадракҳои аниқе, ки ба мавҷудияти усули крепостнӣ дар давлати чағатоӣ, дар хиттаи Мовароуннаҳр ва

[29] Петрушевский И. П., 1960, с. 327–337.

вилоятҳои дар қисмати шарқӣ воқеъгардида далолат мекарда бошанд, дар дасти мо нест.

Бинобар ин ҳоло вақти ҳалли ин масъала нарасидааст. Дар ин маврид баъзе хусусиятҳои аз Эрон фарқкунандаи ташкили идораи Мовароуннаҳрро низ бояд ба эътибор гирифт. Чунонки борҳо хотирнишон гардид, худи муғулҳо дар асри XIII ба кори идораи мамлакат дахолат намекарданд ва худашон қитъаи замин ва иқтаъ надоштанд. Даромади мамлакатро ба воситаи ҳокимони тоҷир (Маҳмуди Ялавоч, Масъудбек ва писарони ӯ) ҷамъ мекарданд ва ин даромад барои ҳамаи он муғулоне, ки ин қисмати Осиёи Миёна ба онҳо тааллуқ дошт, умумӣ буд. Ин аст, ки он вақт дар назди хонзодаҳо ва аъёну ашрофи муғул масъалаи чи тавр ва аз ки рӯёнидани оидоти замин, дар ҷойи худ будан ё фирор кардани деҳқонон ҳеҷ аҳамияте надошт. Албатта, дар асри XIV ин ҳолат дигар шуд. Вале дар ин маврид ишораи вақфномаи соли 1326-ро дар бораи ин, ки заминро, дар сурати ободу шодоб буданаш ҳам, ба деҳқонон аз ду сол бештар ба иҷора дода нашавад, набояд аз назар соқит кард.

Алалхусус, ин ҷо сухан аз воҳаи Бухоро меравад, ки дар солҳои 1273 ва 1276 тамоман хароб шуда, то соли 1326 ҳам дар ҳар сари қадам кӯшкҳои вайрон ва боғоти ба харобазор табдилёфтаро дучор меомаданд.

## Аҳволи пешаварон

Сиёсати ба қайди асорат даровардани аҳолӣ, ки муғулҳо ҷорӣ мекарданд, махсусан дар муносибати онҳо бо пешаварон возеҳу равшан зоҳир мегардад. Дар ин бобат шаҳодати яке аз маъхазҳо хеле ҷолиб аст. Тақрибан соли 1262 қосиди Қубилойхон дар Бухоро пас аз ҳисобу баровардi дубора тақсимоти зеринро муқаррар намуд: аз 16 ҳазор бухориён 5 ҳазор кас ба Боту (яъне Ҷуҷиён) ва 3 ҳазор кас ба Сиюркӯктенибегӣ (модари Ҳулокухон, Мангухон ва Қубилойхон) тааллуқ дошта, қисмати боқимондаи онҳо дар ихтиёри қоон, яъне сардори муғулҳо буданд, ки ӯ бо онҳо ҳамчун моли шахсии худ муносибат мекард. Дар соли 1263 Ҳулокухон, ки бо Ҷуҷиён ҷанг мекард, ба беруни шаҳр баровварда, сар буридани 5 ҳазор аҳолии ба ин хонадон тааллуқдоштаи Бухороро фармуд ва дар ин ҳангом на андешаи молумулк ва на раҳме нисбат ба зану кӯдакони онҳо дар дили ӯ пайдо нашуд. Муҳаққиқон дуруст тахмин мекунанд, ки инҳо пешавароне буданд, ки ба ихтиёри хонҳои муғул дода шуда, шахсан ба онҳо итоат мекарданд ва хизмати онҳоро ба ҷо меоварданд.[30]

Плано Карпини ду гурӯҳ пешаваронро ёд мекунад: «Дар мулки саратсионҳо ва дигарон, ки дар ин миён онҳо (муғулҳо.–Б. F.) гӯё ки ҳокиманд, ҳамаи беҳтарин пешаваронро соҳибӣ карда, ба тамоми корҳои худ истифода мебаранд... ба ҳар яке ҳар рӯз нони баркаш ва ҳафтае се бор порае гӯшт медиҳанд. Инро ҳам ба он пешавароне раво мебинанд, ки дар шаҳр иқомат доранд»[31]. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки як гурӯҳ пешаварони шаҳр ҳаёти ғуломона ба сар мебурдаанд, маҳсулоти бавуҷудовардаи онҳоро дигарон соҳиб шуда, ба ивазаш ҳар рӯз ба онҳо хӯроки бадаста медодаанд; гурӯҳи

[30] Петрушевский И. П., 1949, с. 103, 114–115.
[31] Плано Карпини, 1911, с. 36.

дигари пешаварони шаҳр, ки озод ё ғулом буданашон маълум нест, бо ихтиёри худ кор карда, аз оидоти касбашон андоз мепардохтаанд.

Рашиддадин ҳам ҳангоми ном бурдани тадбироти бевосита ба Осиёи Миёна дахлдоштаи Мангуқоон, зоҳиран, дар бораи ҳамин гурӯҳи пешаварон сухан рондааст: «...Мангуқоон фармуд, ки мардуми авом аз (қабили) тоҷирон, дӯкондорон ва косибон ба дастёрони худ лутфу марҳамат намоянд ва ба (онон) аз неъмати худ бахшоянд, то ҳар яке маблағи лозимаро аз ин муомила ба қадри дарёфти худ бипардозанд».[32]

Аҳволи пешаварони Осиёи Миёна ба як минвол набуд ва дар зарфи ду аср ҳамеша тағйир ёфта меистод. Аз манбаъҳои хаттӣ маълум мегардад, ки бисёр пешаварон ба вазъияти ғуломӣ дучор карда шудаанд. Дар овони истилои Осиёи Миёна муғулҳо умуман, як қисми пешаваронро ба Муғулистон ронда бурдаанд. Баъдтар дар шаҳрҳои Эрон ва Осиёи Миёна корхонаҳои ҳунармандие ба вуҷуд омаданд, ки ба табақаи ҳокими муғулҳо тааллуқ дошта, дар он ҷо пешаварон мисли ғулом кор мекарданд. Дар баробари ин пешаварони мамлук ҳам ба мисли гурӯҳи дар боло зикршудаи Бухоро вуҷуд доштанд, ки ба ихтиёри худ кор карда, дар айни замон, ба хонҳои муғул вобаста гардида буданд ва аз касбу тиҷорати худ ба онҳо андоз медоданд. Гурӯҳи нисбатан озоди пешаварон ва тоҷироне низ мавҷуд буданд, ки ба хазинаи ҳукумати марказӣ андоз (тамға) мепардохтанд. Зоҳиран, миқдори ин гуна пешаварон торафт меафзуд. Бояд қайд кард, ки андозро аз онҳо маъмурони девон ва ё иҷорадорон ҷамъ мекарданд.

Албатта, чунин гумон кардан, ки муғулҳо пешаваронро асир карда ва ба ғуломиву бардагӣ дучор намуда, гӯё боиси тамоман аз байн рафтани ташкилоти пешаварӣ низ гардида бошанд, ҳеҷ як асосе надорад. Баробари таҷдиди сохтмони шаҳрҳои харобшуда ва эҳёи истеҳсолоти молӣ мебоист, инчунин коргоҳу устохонаҳои ҳунармандӣ ҳам дубора барқарор гардида, рӯ ба тараққӣ мениҳод.

Яке аз ҳодисаҳои нангини ҳукмфармоии истилокорони муғул афзоиши ҷанбаи ғуломдорист. Муғулҳо на фақат пешаваронро, балки тамоми аҳолии маҳалҳои ғасбкардаи худро ба ғулом табдил медоданд ва онҳоро дар хоҷагӣ, аз ҷумла, дар зироат ба таври васеъ кор мефармуданд. Дар бозори ғулом одамони ҳар қавму миллатро мефурӯхтанд. Чун меҳнати ғуломи нисбат ба тараққиёти истеҳсолот бепарво мувофиқи чашмдошт манфиат набахшид, чи навъе ки вақфномаи соли 1326 нишон медиҳад, таҷрибаи озод кардани ғуломон ва ба шахси вобаста табдил додани онҳо ба кор бурда шуд.

Зиддияти асосӣ на ин ки дар миёни ашрофи феодалӣ ва аъёни бодиянишин, балки дар байни табақаи болои феодалон, инчунин рӯҳониён, бозургонон ва судхӯрон, аз як тараф, деҳқонон ва бенавоёни шаҳр, аз тарафи дигар, ба амал меомад. Таъсири фишоровари рӯҳониёни ислом ба оммаи забун ва ақибмонда, хусусан роли гиҷкунандаи сӯфияи дарвешӣ ва шайхони сершумори он инкишофи шаклҳои бевоситаи муборизаи оммаи истисморшавандаи тоҷикро бар зидди асоратгарони маҳаллӣ (тамоман пешгирӣ карда натавониста бошанд ҳам) бо ҳар васила бозмедоштанд.

[32] Рашидаддин, II, 1960, с. 141.

# 3. МАДАНИЯТИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ МУҒУЛҲО

## Меъморӣ. Касбҳои амалӣ. Санъат

Вусъати фаъолияти бинокорӣ, ки дар миёнаҳои асри XIII ва алалхусус, асри XIV ба вуқӯъ пайваст, ба ҳолати муқаррарӣ даромадан ва, сипас, нисбатан боло рафтани ҳаёти шаҳр ва умуман, хоҷагии мамлакатро инъикос менамояд. Пули сохтмонро феодалони динӣ ва ашрофӣ, ҳатто намояндагони ҷудогонаи табақаи ҳукмрони муғулҳо мепардохтанд. Аммо бинокорон устоҳои маҳаллӣ буданд. Бинобар ин дар санъати меъмории ин давра анъанаҳои маҳаллӣ, ҳамчун таҷассуми комёбиҳои меъморони Осиёи Миёна ва устоҳои гуногуни санъати амалӣ тараққиёти минбаъда ва мантиқии худро пайдо намуд.[33]



Мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ. Асри XIV. Бухоро

[33] Доир ба санъати меъморӣ ниг.: Бачинский Н. М., 1939; Беленитский. А. М., 1950; Бретанитский Л. С, 1958; Пугаченкова Г. А., Ремпел Л. И., 1965; 1961; Шишкин В. А., 1966 ва ғайра.



Сақфи зиёратхона. Соли 1334. Шоҳи Зинда. Самарқанд

Аз ин давра миқдори хеле зиёди осори меъморӣ боқӣ мондааст, ки аксаран аз мақбара иборат аст. Вале аз ин чунин барнамеояд, ки сохтмони асрҳои XIII–XIV фақат ба ҳамин навъи биноҳои муҳташам маҳдуд гардидааст. Аз манбаъҳои хаттӣ маълум мешавад, ки мадраса ва кӯшкҳо низ бино меёфтаанд. Дар миёнаи асри XIII ду мадрасаи калон дар Бухоро сохта шуд, подшоҳи муғул Кабакхон дар наздикии Насаф кӯшк (қаршӣ) бино кард. Дар Куҳна

Урганҷ (Хоразм) манораи бошукӯҳе (ҳозир қариб 62 м баландӣ дорад) маҳфуз мондааст, дигар ҳамин хел манора дар ибтидои асри XX фурӯ рехт. Ин ду манора қисми таркибии масҷиде буданд.

Қадимтарин иморати маҳфузмондаи ин давра мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ мебошад. Сайфиддини Бохарзӣ аз шайхони хеле машҳур ва бонуфуз буда, ҳатто дар назди муғулҳо эътибори калон дошт.

Ӯ дар соли 1258 вафот кард. Авлоди вай бар сари мадфанаш мақбара ва хонақоҳ андохтанд. Соли 1333 ин хонақоҳро Ибни Батута зиёрат карда, онро ҳамчун «маъвои хеле бузург» тавсиф намуд. Мақбараи то замони мо расидаи шайх, ки дар наздикии Бухоро воқеъ гардидааст, хонақоҳ надорад. Вай дар асри XIV умуман таҷдид ёфта, дар паҳлуи иморати қадимаи худи мақбара баъдтар зиёратхонае ҳам сохта шудааст. Қисми аз ҳама охир таъмирёфтаи мақбара сардарии пештоқдори вай аст. Ин ёдгории қадима ба таври одӣ сохта шуда, дар айни замон хеле муҳташам мебошад. Гунбади хурдтари худи мақбара, гунбади калони зиёратхона ва сардарии баланди дорои ду манорачаи пурнақшу нигор таассуроти бинандаро ба пойдорӣ ва ҳашамати ин бино афзунтар мегардонанд.

Мақбараҳои қаблазтемурии асри XIV хеле бисёранд. Чанд мақбара дар маҷмӯи Шоҳизинда (зиёратхонаи назди мақбараи Қуссам ибни Аббос, мақбараи соли 1360, мақбараи Хоҷа Аҳмад ва ғ.), мақбараи Буёнқулихон дар Бухоро, мақбараҳои Наҷмиддин ва Турабекхоним дар Куҳна Урганҷ, мақбараи Муҳаммад Башоро дар Панҷакент, мақбараи ҳоло харобгардидаи Тубохон дар Ленинобод ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Аксари мақбараҳо аз ҷиҳати тарҳу меъморӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: гурӯҳи нисбатан сершумори онҳо, мақбараи якхонагии гунбаддор буда, гурӯҳи дигар, мақбараҳоеанд, ки мисли мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ ду гунбад дошта, аз марқад ва зиёратхона иборатанд. Дар ин давра баъзе тарҳҳои нави сохтмони мақбара ба вуҷуд меоянд, ки бар боми гунбадшакл асос ёфта, бештар бино кардани мақбараҳои дугунбада ва, ҳатто сегунбада дар назар дошта шудааст.

Ороишоти меъмории ин давра хеле муҷаллал ва гуногунранг буда, аз тараққиёти минбаъдаи касбҳои амалӣ шаҳодат медиҳад. Дар нақшу нигори биноҳо гулкориҳои рӯйи гил ва мино ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Баъзан нақшҳои барҷастаи бар тахтаҳои гили пухта кандашударо бо луоби кабуд ё осмониранг андуда, дар мавридҳои дигар фақат катиба ва ё тасвири асосиро сир медоданд ва нақшҳои фаръии даруниро ба ранги гилтахтаҳои кандакоришуда мегузоштанд.

Дар ороиши биноҳо сафоли сирдори нақшин ба таври хеле фаровон ба кор бурда мешуд. Гоҳо зери мино ё рӯйи миноро бо суратҳои заррин ё рангин зинат медоданд. Деворҳо бо хиштҳои сирдода, ки дар фосилаҳои баробар ба шакли амудӣ чида мешуданд, сода, вале нафис ороиш мееёфтанд. Рӯйи гаҷкоришудаи деворҳо гоҳо бо нақшбандии бисёр зебо пӯшида мешуд. Усули қадимаи ороиши бино тамоман аз байн нарафта буд. Чунончи, кандакориҳои (беминои) асрҳои XI–XII дар амали меъмории асри XIV низ ба назар мерасанд.

Дар нақшҳои рӯйи гилтахта, сафоли сирдор ва нақшу нигори деворӣ диққати касро беш аз ҳама зебоӣ ва гуногунии мураккабтарин тасвироти наботӣ ва ҳандасӣ ба худ ҷалб менамоянд. Ҳунари ихтироъкоронаи мусаввирон, ки ин ҳама намунаҳои олиро барои устоҳои сафолгар ва ё нақшбандҳо таҳия кардаанд, ниҳоят ҳайратангезанд.



**Мақбараи Турабекхонум. Солҳои 60–70-уми асри XIV.**
**Куҳна Урганҷ**

Махсусан катибаҳои бо хатҳои гуногун сабтгардидаи ёдгориҳои бошукӯҳи меъмориро, ки аз маҳфуз мондани ҳунари хаттотӣ ба дараҷаи баланди пешинаи худ шаҳодат медиҳанд, бояд зикр намуд. Қайд кардан лозим аст, ки ҳунари хаттотӣ ва наққошӣ осори бисёр зебои худро на фақат дар соҳаи меъморӣ, балки дар дигар ёдгориҳои санъати дастии мардуми он замон низ боқӣ гузоштаанд.

Аз ин лиҳоз ду кӯзаи гилӣ, ки танаи нокшакли онҳо бо хатҳои нақшу нигори хеле хуби қолабӣ зинат ёфтааст, бисёр ҷолиб мебошад. Дар яке аз ин хатҳо навиштаҷоте ҳаст, ки дар он ном ва сана сабт гардидааст: «Амали усто Абдурраҳмон; соли ҳафтсаду бисту як» (соли 1321 милодӣ). Хатти катиба, ки хеле зебост, дар ҳар ду кӯза як хел аст, аммо нақшу нигори онҳо аз ҳам фарқ мекунад.

Баъзе намунаҳои сафололоти сирдор, ки аз Хоразм ва Туркманистони ҷанубӣ ёфт шудаанд, дорои аҳамияти калони бадеӣ мебошанд[34]. Аз нақшу нигори маъбадҳои буддоии Марв фиқраҳои зиёде бо тасвири харгӯш, аждаҳо ва ғ. маҳфуз мондаанд.[35]

## Илму адаби тоҷик дар асри XIII – миёнаҳои асри XIV

Аз тарафи ӯрдуҳои Чингизхон истило шудани Осиёи Миёна ба тараққиёти фан ва адабиёт зарбаи калоне расонид. Дар асри XIII ва авоили асри XIV адабиёт махсусан дар Осиёи Сағир, ҷануби Эрон ва Ҳиндустон, яъне дар он маҳалҳое, ки дар таҳти тасарруфи муғулҳо қарор нагирифта буданд, равнақ меёбад. Фақат дар охири асри XIV ва ибтидои асри XV марказҳои адабӣ аз нав ба Мовароуннаҳр ва Хуросон мекӯчанд.

Дар асри XIII бузургтарин симоҳои назми форс-тоҷик Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ба майдон меоянд.

*Ҷалолиддини Румӣ* (1207-1272) аслан аз қадимтарин маркази тамаддунии халқи тоҷик шаҳри Балх мебошад. Ӯ қабл аз тааррузи муғул, дар синни 14-солагӣ бо падари худ аз ватан ҳиҷрат намуда, ба Нишопур, Бағдод, Ҳиҷоз, Сурия ва Осиёи Сағир рафт ва дар Қуния (Осиёи Сағир) иқомат ихтиёр кард. Вай аввал бо роҳбарии падари худ дар Қуния, сипас, дар Ҳалаб ва Димишқ таҳсил намуда, маълумоти нисбат ба он замон мукаммале ба даст овард ва чанд гоҳ ба дарсгӯӣ машғул шуд. Вале дар соли 1224 ӯ бо таъсири мулоқоти яке аз дарвешон дарсдиҳӣ ва роҳбарии корҳои тариқати суфияро ба халифагони худ вогузор карда, худ гӯшанишин гардид.

Ҷалолиддини Румӣ аз бузургтарин олимон ва шоирони мутасаввиф аст. Асарҳои хеле машҳури ӯ яке девони ғазалиёт ва дигаре «Маснавии маънавӣ» мебошад, ки аз шаш ҷузъ – 26 ҳазор байт иборат буда, асосҳои фалсафаи тасаввуфиро дар бар гирифтааст. Вай бо ин асари худ навъи маснавии ирфониро то ба охирин дараҷаи тараққиёти он пеш бурд. Эҷодиёти Румӣ хусусан аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки шоир ба мақсади умумфаҳм гардидани асарҳои худ услуби содаро ба кор бурда, шаклҳои назми халқии тоҷикро, чунончи, дар ғазал сурудҳои лирикӣ ва дар маснавӣ тамсилро истифода менамояд.[36].

*Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ* (тақрибан 1219–1292) дар Шероз ба таҳсили илм шурӯъ намуда, пас аз он ба Бағдод рафт ва дар мадрасаи «Низомия» давраи таҳсили худро ба охир расонид. Аз як тараф, шавқи ҷаҳонгардӣ ва, аз тарафи дигар, ноором иҳое, ки ҳангоми ҳуҷуми урдуи муғул дар ватани Саъдӣ

[34] Вактурская Н. Н., 1959; Массон М. Е., 1949; Литвинский Б. А., 1953 в; Атагарриев Е. А., 1967.
[35] Пугаченкова Г. А., 1954.
[36] Одилов Н., 1964.

рӯй дода буданд, ӯро ба мусофирати дурударози кишварҳои гуногуни Шарқ водор намуданд. Саъдӣ дар овони ин мусофиратҳо, ки 30-40 сол давом карданд, Ҳиҷоз, Бағдод ва Африқои шимолиро саёҳат намуд.

Ӯ дар соли 1256 ба Шероз баргашта, ба ҷамъ кардан ва тартиб додани асарҳои худ машғул гардид.

Эҷодиёти Саъдӣ ба таъсири назми қадимаи тоҷик ташаккул ёфта, бо он узван марбут гардидааст. Бинобар ин, бо вуҷуди он ки Саъдӣ шоири Шероз буда, берун аз хиттаи Осиёи Миёна офаринандагӣ кардааст, вай инчунин ба таърихи назми тоҷик дохил мешавад.

Саъдӣ ғайр аз «Гулистон» ва «Бӯстон» бисёр шеър ҳам навиштааст, аз ҷумла, чанд силсилаи ғазалиёт ба қалами ӯ таалluқ дорад, ки ба ин васила шоир дар таърихи инкишофи ин навъи назми классикии форсу тоҷик мақоми шоистае ишғол намудааст. Саъдӣ, дар баробари офаридани намунаҳои мукаммали навъи ғазал, дар насри бадеӣ ҳам устодии худро нишон дод. Аз тарафи дигар вай усули панду насиҳатро дар адабиёт бештар ҷорӣ кард ва навъи асарҳои таълимиро хеле такмил намуд. Шоир дар асарҳои пандомезаш ақидаҳои инсониятпарваронаи худро акс кунонида, ғояҳои ватандӯстиро таблиғ кардааст.

Саъдӣ зулму тааддӣ ва ситамкориҳои давлатдоронро маҳкум намуда, ҳокимонро даъват мекард, ки ба мардуми одӣ бо чашми эҳтиром ва қадршиносӣ назар кунанд. Ӯ ба кам қаноат карданро талқин менамуд ва молпарастиву таҷаммулхоҳиро мазаммат мекард. Дар айни замон эҷодиёти ин шоири бузург аз маҳдудиятҳои таърихӣ ва синфӣ холӣ нест. Чунончи, ӯ зарурати дар пеши зӯрмандон сари итоат фуруд оварданро қайд намуда, як навъи ба худ хоси мароми ба муқобили бадӣ сар набардоштанро таблиғ ва талқин мекунад.

*Амир Хусрави Деҳлавӣ* (1253–1325) дар яке аз шаҳрҳои шимоли Ҳиндустон таваллуд ёфтааст. Падари ӯ аслан аз шаҳри Кеш буда, дар вақти ҳуҷуми муғул аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон фирор намудааст. Амир Хусрав пас аз хатми таҳсил шаҳри Деҳлиро иқоматгоҳи худ қарор дод ва дар дарбори султон машғули фаъолияти эҷодӣ гардид.

Ӯ илова бар девони ашъоре, ки аз панҷ қисмат иборат аст, ба равияи фарзанди заковатманди халқи Озарбойҷон Низомӣ «Хамса» навишт. Амир Хусрав дар ин асари худ, агарчанде мавзӯи қадимаро нигоҳ дошт, лекин дар услуби достон ва тавсифи қаҳрамонҳо дигаргунӣ овард. Ӯ нисбат ба дигар шоирон дар бобати гирифтани мавзӯъҳои маҳаллӣ зиёдатар ҷасорат намуд. Аз асарҳои достонии ӯ «Қирон-ус-саъдайн» (дар бораи мулоқоти Саъд бо падари худ Буғрохон), «Мифтоҳ-ул-футӯҳ» (калиди фатҳҳо) ва «Нуҳ сипеҳр» дар мавзӯъҳои маҳаллӣ навишта шудаанд. Ин тариқа асарҳои шоир илова бар қимати адабӣ дорои аҳамияти бузурги таърихӣ ҳам мебошанд.

Достони ишқӣ-афсонавии ӯ «Хизрхон ва Дувалронӣ», ки дар бораи шаҳзодаи ҳиндӣ ва маъшуқаи вай ҳикоят мекунад, хеле қобили таваҷҷуҳ аст. Амир Хусрав ба забони маҳаллии рехта, ки баъдҳо асоси забони урдуро фароҳам овард, низ асар эҷод кардааст. Ӯ ба омӯзиш ва таҳқиқи фанҳои гуногун, илми шеър ва мусиқӣ ҳам машғул мешуд.

Нахустин маҷмӯаи ба мо расидаи назми тоҷик тазкираи «Лубоб-ул-албоб» мебошад, ки дар солҳои 1221–1222 таълиф ёфтааст. Муаллифи он Муҳаммад Авфӣ аслан аз Марв буда, дар Бухоро тарбият гирифта ва дар ҳамин ҷо таҳсил намудааст. Ӯ дар вақти ҳуҷуми муғулҳо ба Ҳиндустон фирор намуда, дар он ҷо ғайр аз тазкираи номбаршуда асари мансуре бо унвони «Ҷавоме-ул-ҳикоёт ва лавоме-ур-ривоёт» навишт, ки аз ҳикоятҳои ширин ва афсонаву қиссаҳои аҷиб фароҳам омадааст.

Дигар аз донишмандони илму адаб, ки дар дарбори Муҳаммади Хоразмшоҳ хидмат мекарданд, Муҳаммад ибни Қайси Розӣ мебошад. Вай низ ҳангоми тааррузи истилокорони муғул тарки ватан намуда, дар ноҳияи ҷанубии Эрони кунунӣ паноҳ бурд ва дар ин ҷо дар соли 1223 «Ал-мӯъҷам фи маойири ашъор-ул-Аҷам» ном асаре доир ба арӯз ва қофия таълиф кард, ки дар он роҷеъ ба шоирони гузашта ва муосири муаллиф маълумоти пурбаҳо дода, аз ашъори онон намунаҳо оварда шудаанд.

Дар асри XIII таърихнависӣ хеле ривоҷ гирифт. Аз муҳимтарин асарҳои ин соҳа «Табақоти Носирӣ»-ро метавон ном бурд, ки дар соли 1260 аз тарафи Абӯумар Минхоҷиддини Ҷузҷонӣ ном шахсе аз аҳли Ғур таълиф ёфтааст.

Ин асар ғайр аз таърихи подшоҳони Ҳинд баъзе воқеаҳои давраи салтанати Ғазнавиён, ҳукмронии муғулҳо ва махсусан табаддулоти муборизаи зидди исмоилияро муфассал баён мекунад ва доир ба таърихи давраи асри миёнаи Ғур беҳтарин сарчашмае ба шумор меравад.

Аз асарҳои таърихии он замон, ки дар бобати таҳқиқ ва омӯзиши давраи муғулҳо қимати бузурге доранд, алалхусус, асари дар Эрон навиштаи Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ (ваф. 1283) «Таърихи Ҷаҳонкушо» ва асари Фазлуллоҳ Рашидаддин (дар соли 1318 кушта шудааст) «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро ном бурдан мумкин аст. Ин асари охиринро В.В.Бартолд нахустин иқдоми ҷиддӣ дар бобати офаридани «Таърихи умумиҷаҳонӣ»-и асри миёна мешуморад.

# БОБИ ПАНҶУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВЛАТИ ТЕМУР ВА ТЕМУРИЁН

## 1.ТАЪРИХИ СИЁСӢ. ҶУНБИШҲОИ ХАЛҚӢ

### Темур ва аввалин қадамҳои ӯ дар роҳи ба даст овардани ҳокимият

Хонҳои муғул батадриҷ дини исломро қабул карда, ба атрофи худ намояндагони уламо ва тоҷиронро ҷамъ намуда, сиёсати марказият додани ҳокимияти ҳомиро пеш гирифтанд. Чунин рафтори онҳо норизогии пешвоёни қабилаҳои муғул ва туркро ба вуҷуд меовард. Ин буд, ки дар нимаи аввали қарни XIV дар улуси Чағатой, яъне Мовароуннаҳр муборизаи байни хонҳо ва аъёни қабилаҳои аксар турк ва туркшуда ниҳоятдараҷа шиддат гирифт. Дар натиҷаи ин мубориза пешвоёни қабила хеле нуфуз пайдо намуда, вале ҳокимияти хонӣ бисёр заиф гардид.

Дар нимаи асри XIV дар саҳнаи сиёсати Мовароуннаҳр писари беки қабилаи барлос – Темур зуҳур менамояд. Темур аввалҳо «дар хидмати хонҳои гуногун ҳамчун сардори кондотйерҳо сар мебардорад»[1] ва, сипас, ташкилкунандаи давлати бузурге мегардад.

Темур соли 1336 дар деҳаи Хоҷаилғор, ки дар қарибии шаҳри Кеш воқеъ гардидааст, таваллуд ёфт. Ин деҳа дар масофаи 13 км аз Шаҳрисабз ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Падари ӯ – Тарағай аз аъёни қабилаи барлос буд. Барлосҳо ҳанӯз дар аввалҳои асри XIV дар водии Қашқадарё маскан намуда, дар баробари ба сар бурдани ҳаёти бодиянишинӣ ба зиндагонии муқимӣ мегузаштанд ва ҳамчун дигар муғулҳои сокини Мовароуннаҳр забон ва урфу одати аслии худро гум карда, бо туркҳои ин сарзамин омезиш ёфта буданд.

Темур аз соли 1360 сар карда, муддати даҳ сол гоҳ ба тарафи як феодали ҳукмрон ва гоҳ ба тарафи ҳокими дигар гузашта, меҷангид ва дар айни замон барлосҳоро ба атрофи худ муттаҳид менамуд.

Дар соли 1361 хони Муғулистон – Туғлуқ Темур Самарқанд ва шаҳри Кешро ишғол кард. Темур дар ин вақт ба тарафи истилокорон гузашта, хидмати Туғлуқ Темурро қабул намуд ва бо кумаки ӯ ҳокими Кеш гардид. Аммо Темур дар хидмати хони Муғулистон бисёр давом накард. Вай бо ҳокими Балх амир Ҳусайн, ки бо Туғлуқ Темур муносибати душманона дошт, созиш карда, ба ҳомии аввалаи худ хиёнат намуд.

---

[1] «Архиви Маркс ва Энгелс», ҷилди VI, с. 184. (Кондотйер – аскари кирояро гӯянд, ки барои ҳар як кори серпул ба ҷон бохтан ҳозир аст.)

Амир Ҳусайн ва Темур ба муқобили Туғлуқ Темур сар бардоштанд, вале дар ҷанг шикаст хӯрда, маҷбур гардиданд, ки Осиёи Миёнаро гузошта, ба Систон гурезанд. Темур дар Систон ҳангоми яке аз моҷароҳои ҳарбии худ аз даст ва пойи росташ захмдор гардида, то охири умр ланг шуд. Баъд аз ин вайро бо унвони «Темури Ланг» низ ёд карданд.

Дар соли 1364 амир Ҳусайн ва Темур муваффақ шуданд, ки Мовароуннаҳрро аз тахти тасарруфи хони Муғулистон берун оварда, ҳукмронии худро дар он ҷо барқарор намоянд. Халқ ҳар ду амирро, хусусан Ҳусайнро, ки ба золимӣ ном баровярда буд, бад медид. Ҳусайн ҳангоми шунидани арзу хоҳиши мардуми Самарқанд дар даст шашпари оҳаниро дошта меистод. Аксар вақт ӯ ба ҷойи ҷавоб ба додхоҳ дарафтода, ӯро бераҳмона бо шашпар мезад.[2]

Дере нагузашта, писар ва вориси Туғлуқ Темур Илёсхоҷа ба мақсади дубора ғасб кардани Мовароуннаҳр бар зидди Ҳусайн ва Темур лашкар кашид.

Дар соли 1365 амир Ҳусайн ва Темур аскар ҷамъ намуда, дар соҳили дарёи Чирчиқ ба қувваҳои ҳарбии душман рӯ ба рӯ шуданд. Муҳорибае, ки дар ин ҷо рӯй дод, бо номи «ҷанги гилӣ» машҳур аст, зеро дар вақти задухӯрд чунон борони сел меборид, ки аспҳо дар гилу лой лағжида меафтоданд. Дар ин муҳориба Темур ва Ҳусайн комилан торумор гардиданд. Онҳо Самарқанд ва Шаҳрисабзро ба ҳоли худ гузошта, худҳоро ба он тарафи дарёи Аму гирифтанд ва ба сӯйи Балх фирор намуданд. Қӯшуни хони муғул Илёсхоҷа рост ба шаҳри Самарқанд равон шуд. Аҳолии шаҳр ҳама саросема гардида, чӣ кор кардани худро намедонистанд, чунки қувваи ҳарбии Самарқанд низ бо ҳамроҳии амир Ҳусайн ва Темур гурехта буд.

## Ҷунбиши сарбадорон

Дар ҳамин гуна як вақти навмедӣ ва лаҳзаи мураккаб мардуми заҳматкаш ташаббуси мудофиаи шаҳрро ба дасти худ гирифтанд.[3] Ҳангоме ки аҳолии Самарқанд ба масҷиди ҷомеъ омаданд, Мавлонозода ном яке аз шогирдони мадраса ба минбар баромада, дар ҳоле ки атрофи ӯро гурӯҳе бо шамшерҳои бараҳна иҳота карда буданд, чунин арз кард: «Фавҷи беҳисоби лашкари муғул, ки барои ғорат намудани мол ва ашёи мардум ба ин мамлакат фурӯ рехтааст, ба шаҳр наздик мешаванд. Ҳукуматдори мо, ки бо унвони боҷу хироҷ аз ҳар як сар нуфус маблағи зиёдеро ситонида, мувофиқи майли худ харҷ менамуд, дар баробари падидор шудани душмани мо, мусулмононро партофта, аз кофирон гурехт ва ҷони худро халос кард. Акнун мардуми Самарқанд ба ивази ҷони худ ҳар андозае хунбаҳо диҳанд ҳам, аз душман раҳоӣ намеёбанд. Ҳоло кист, ки мехоҳад вазифаи мудофиа намудани аҳолии шаҳрро қабул карда, дар ҳузури бузургон ва мардуми авом ин масъулиятро ба уҳда бигирад? Мо дар пеши

---

[2] Ниг. Бартолд В. В., 964 д, с. 369. Тавзеҳи 44 (матн), с. 370.

[3] Роҷеъ ба ҷунбиши сарбадорони Самарқанд ниг. ба асарҳои махсус: Бартолд В. В., 1964 д; Гуревич А. М., 1935 (дар мулҳақот тарҷумаи манбаъҳо аз тарафи А.А.Семёнов ва А.А.Молчанов анҷом дода шудааст); Солеҳов П., 1936; Набиев Р., 1942; Строева Л. В., 1949.

чунин шахс сари таъзим фуруд оварда, ба иҷро намудани вазифаҳои худ машғул хоҳем шуд».[4]

Аъён ва ашрофи Самарқанд дар ҷавоби даъвати Мавлонозода хомӯш монданд. Он гоҳ Мавлонозода бо ризогии ҳамаи ҳозирон вазифаи сардории мудофиаи шаҳрро ба уҳдаи худ гирифт. Дар худи ҳамин ҷо 10 ҳазор нафар ҷавонони мусаллаҳ баҳри ҳифзи ватан пеши ӯ савганд ёд карданд. Дар ташкили мудофиаи шаҳр ғайр аз Мавлонозода боз ду нафари дигар – Мавлоно Хурдаки Бухороӣ ва Абӯбакр Калавии Наддоф низ роҳбарӣ намуданд.

Се шабу се рӯз пешвои шӯришгарон – Мавлонозода дам нагирифта кор кард: мудофиаро ташкил кардан ва ба ин мақсад қувваҳоро ҷо ба ҷо гузошта, шаҳрро ба қалъаи мустаҳкам табдил додан лозим буд. Дар ин кор қадре ҳам таъхир кардан мумкин набуд, зеро душман торафт ба шаҳр наздик меомад.

Мудофиаи шаҳр хеле моҳирона ташкил карда шуд. Дар наздикии дарвозаҳои шаҳр дидбонҳо гузоштанд. Шаҳрро ба қитъаҳо тақсим карданд ва ғайр аз даромадгоҳи калон – кӯчаи ом дигар ҳамаи дарвозаҳоро бастанд. Дар ду тарафи ин кӯча сангарҳои мустаҳкам сохта, одамони бо камон ва туфанг мусаллаҳро гузоштанд. Дар охири кӯчаи ом худи Мавлонозода бо садҳо тирандозони хуб қарор гирифт. Ба аҳолии шаҳр амр дода шуд, ки хоб накунанд ва дар қитъаи таъйиншудаи худ ҳушёрона машғули иҷрои вазифа бошанд.

Хони муғул, ки аз фирор кардани амир Ҳусайн ва Темур воқиф буд, боварӣ дошт, ки шаҳр тамоман бемудофиа мондааст. Бинобар ин дастаҳои пешҷанги ӯ ба Самарқанд расида, бе ҳеҷ як эҳтиёткорӣ ба воситаи хиёбони асосӣ ба даруни шаҳр равон шуданд. Ҳангоме ки онҳо ба ҷойи камингирифтаи дастаи Мавлонозода расиданд, ба мудофиакунандагони шаҳр ишораи ҳуҷум дода шуд. Дастаҳои мудофеин аз се тараф ба аскарони муғул ҳамла намуданд. Мудофиакунандагони шаҳр аз паси сангарҳо истода, муғулҳоро ба зери борони санг гирифтанд. Онҳо на фақат бо даст, балки бо фалахмон низ душманро сангборон мекарданд. Муғулҳо аз кушта ва захмӣ талафоти калон дода, маҷбур шуданд ақиб нишинанд.

Рӯзи дигар қӯшуни муғул дубора ба Самарқанд ҳуҷум овард. Ҳарчанд муғулҳо усулҳои тактикаи ҳарбии бодиянишинии худро (чунончи, бардурӯғ ақиб гурехта, ногаҳон ҳамла намуданро) ба кор бурда бошанд ҳам, вале муваффақият ба даст оварда натавонистанд. Он гоҳ муғулҳо барои муҳосираи давомдор дар атрофи шаҳр мавқеъ гирифтанд. Лекин ин тадбири онҳо низ натиҷае набахшид. Пас аз чанд вақт дар урдугоҳи бодиянишинони муғул маразн тоуни асп пайдо шуд ва, чӣ навъе ки яке аз муаррихони он давра хотирнишон кардааст, «муғулҳо дандонҳои худро ҳарисона ба ҳам фишурда» маҷбур шуданд, ки аз муҳосира даст кашанд ва фақат ба ғорати атрофи шаҳр қаноат намуда, пас гарданд.

Дар Самарқанд муборизаи фақирон бар зидди тавонгарон ба амал омада, оммаи заҳматкаш аз судхӯрони манфур ва дигар золимони худ ниқор гирифтанд. Ин ҳаракати аҳолии Самарқанд дар адабиёти таърихӣ ҳамчун «Ҷунбиши сарбадорон» шуҳрат ёфтааст. Ифодаи «сарбадор» қадре пештар (дар солҳои 1336–1337) ба муносибати шӯрише, ки дар Сабзавор ном маҳалли

[4] Абдураззоқ, в. 76 б; Бартолд В. В., 1964 д, с. 371.

Хуросон ба муқобили хонҳои муғул ва заминдорони калони маҳаллӣ сар зада буд, пайдо шудааст. Ин истилоҳ аз чунин шиори шӯришиён бархостааст, ки гуфтаанд: «Назар ба он ки аз тарс ҳалок шавем, беҳтар аст, сари худро ба дор бинем». «Сарбадор» калимаи мураккаб аст, ки аз ду калима («сар» ва «дор») бо илова кардани пешоянди («ба») таркиб ёфтааст.

Муаррихони феодалии давраи Темур ба калимаи «сарбадор» маънии «дорбоб»-ро додаанд ва роҳбарони ҳаракати соли 1365-уми Самарқандро ҳамчун исёнӣ, яъне мухолифони ҳукумати «қонунӣ»-и мавҷуда тасвир намуда, онҳоро ба ҳамин унвон ёд кардаанд. Чунонки муаллифи «Равзат-ус-сафо» Мирхонд мегӯяд: «Гурӯҳе аз онҳо (аҳолии Самарқанд.– Б.Ғ.), ки зӯру тавоно ва ошӯбгару ҷинояткори гузаро буданд, ҷуръати гузаштан аз ҳадди муҷоз намуданд, ҳокимиятро гирифтанд ва ба ситам шурӯъ карданд». Ӯ қадре поинтар аз ин навиштаҳои худ илова мекунад: «Сарбадорон муртакаби ҳар гуна рафтори қабеҳ гардиданд».

Мирхонд роҷеъ ба он ки «рафтори қабеҳ»-и сарбадорони Самарқанд дар чӣ зоҳир гардидааст, чизе намегӯяд ва фақат бо ҳусни назар қайд мекунад, ки Ҳусайн ва Темур «ром кардан ва бо сари итоат овардани ононро (сарбадоронро. - Б.Ғ.) амри хайр донистанд».

Муаррих Хондамир, ки бародарзода ва давомдиҳандаи кори Мирхонд мебошад, агарчанде хидмати сарбадоронро дар бобати дафъ кардани ҳуҷуми муғулҳо ба эътироф намудан маҷбур шудааст, вале мисли Мирхонд ба онҳо баҳои буҳтономез медиҳад: «Пас аз он ки сарбадорони Самарқанд ин кори хеле муҳимро (дафъи ҳуҷуми муғулро.– Б.Ғ.) бомуваффақият анҷом доданд, ба роҳи шарора ва фитна даромада, дасти ғорат ба моли раият заданд».[5]

Муаррихи дигар Шарафиддин Алии Яздӣ дар бораи сарбадорони Самарқанд чунин менависад: «Ба сари як гурӯҳ мардум боди ғурур ва ифтихор вазид: онҳо ба берун аз ҳадди худ қадам гузоштан ҷасорат намуда, дастони хунрези ситамовари худро ба ҳар тараф дароз карданд». Муаллиф ин баҳои ба сарбадорон додаи худро бо шеъре тақвият менамояд, ки мазмунаш ин аст: «Эй бор худоё, магузор, ки гадо шахси муътабар гардад».[6]

Сарбадорон манфиатҳои пешаварон ва табақаҳои поини аҳолии шаҳрро ҳимоя мекарданд. Бинобар, ин тамоми иқдомоти онҳо мухолифи манфиатҳои аъён ва ашрофи Самарқанд буданд.

Вақте ки хабари аз муҳосираи Самарқанд даст кашида, ақибнишинӣ кардани муғулҳо ба гӯши Темур расид, ӯ фавран ба пеши амир Ҳусайн қосид фиристода, ҳақиқати воқеаро ба вай хабар дод. Амир Ҳусайн ва Темур ба зудӣ ҳамдигарро мулоқот намуда, дар ин бора маслиҳат карданд ва қарор доданд, ки дар ишғоли Самарқанд шитоб накунанд. Зеро онҳо, зоҳиран, аз дучор шудан ба муқовимати сахти мудофиакунандагони шаҳр метарсиданд. Ин буд, ки онҳо ба мубориза ошкорои зидди аҳолии Самарқанд ҷуръат накарда, тасмим гирифтанд, ки ононро бо макру ҳила ба даст дароранд.

Онҳо барои ба ғафлат гузоштани мудофиакунандагони Самарқанд ба унвони роҳбари мудофиаи шаҳр нома навишта, изҳор намуданд, ки идораи шаҳрро ба ӯ вогузор кардаанд ва ҳеҷ яке аз сокинони он ҷазо дода нахоҳанд

[5] Мирхонд, ҷилди VI, с. 12–13; Хондамир, ҷилди III, қисми 3, с. 9.
[6] Шарафиддини Яздӣ, 1887, р. 110.

шуд. Онҳо ин ваъдаҳояшонро бо қасамҳо тасдиқ намуда, номаро бо либосҳои фохира ва туҳфаҳо фиристоданд ва инчунин бо ҳамроҳии элчиҳои хушзабон намояндагони махсуси худро равона карданд, ки ба шаҳр дохил шуда, барои забт намудани Самарқанд замина ҳозир кунанд ва дар ин амр аз гуногунии ҳайати сарбадорҳо истифода баранд.

Қувват гирифтани фаъолияти ҷосусони амир Ҳусайн ва Темур, ки гурӯҳҳои дудилаи аҳолии шаҳрро ба тарафи худ мекашиданд, инчунин ноустуворона кор бурдани қисмати давлатманди сарбадорон ва омодаи созиш будани ашхоси бонуфузи онҳо дар байни аҳли ин ҷунбиш ихтилоф ба вуҷуд овард.

Дар аввали баҳори соли 1366 амир Ҳусайн ва Темур бо лашкари худ ба Самарқанд расида, пас аз қарор гирифтан дар он ҷо ба сарбадорон мактуб навиштанд ва гуфтанд: «Мо ба шумо боварии куллӣ дорем ва бо шумо беҳтар аз дигар ҳукмронон рафтор хоҳем кард». Роҳбарони сарбадорон ба ин суханони маккорона бовар карда, ба лашкаргоҳи амир Ҳусайн равон шуданд ва ҳамин ки ба он ҷо расиданд, ҳама дастгир гардида, кушта шуданд. Аз ин миён фақат Мавлонозода бо хоҳиши Темур халосӣ ёфт. Ба ҳамин тариқ, ҷунбиши сарбадорони Самарқанд бераҳмона фурӯ нишонда шуда, амир Ҳусайн ва Темур дубора ҳукмрони ин шаҳр гардиданд.

Ҷунбиши солҳои 1365–1366, зоҳиран, на фақат Самарқанд, балки деҳаҳои атрофро низ фаро гирифта будааст. Лекин манбаъҳои таърихӣ дар ин бора хеле кам маълумот додаанд. Аз муаррихони он замон фақат Хондамир дар ин хусус баъзе мадракҳоро овардааст. «Баъд аз он ки амир Ҳусайн Самарқандро ишғол намуд,– мегӯяд ӯ,– дигар вилоятҳо низ худсарӣ ва итоатнопазириро тарк карданд».

Маълумоти манбаъҳои хаттӣ роҷеъ ба ин ҷунбиш, ки дар таълифоти таърихнигорони феодалӣ оварда шудаанд, хеле ноқис ва ниҳоят бадғаразона мебошанд. Дар бораи программаи иҷтимоӣ ва сиёсати роҳбарони шӯриш ба ҷуз чанд ишорае дигар ягон мадрак мавҷуд нест. Ин аст, ки мо аз аксари ҳамон тадбироте, ки онҳо дар вақти шӯриш ба амал оварда буданд, чизе намедонем.

Одатан дар асарҳои умумии илми таърих ва, ҳатто дар тадқиқоти махсуси оид ба масъалаи мавриди баҳс ҷунбиши сарбадорони Самарқанд ҳамчун аксуламали аҳолии шаҳр нисбат ба хавфи ҳуҷуми муғулҳо тавсиф ёфтааст. Агар, дарвоқеъ, ҳамин тавр бошад, пас гумоне ба миён меояд, ки ҳамагӣ дар чанд рӯз бар зидди душмани сершумор ва хеле кордида ин тариқа мудофиаи мустаҳкамеро ташкил карда тавонистани шаҳриён амри маҳол аст. Бинобар ин, аз эҳтимол дур нест, ки дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо ва шояд хеле пештар аз ин воқеа дар шаҳр ташкилоти пуриқтидори сарбадорон ва қувваҳои бо шиору мақсадҳои сарбадорӣ баромадкунанда мавҷуд бошад.

Чӣ навъе ки маълум аст, дар ғарби Хуросон солҳои 1337–1381 тақрибан дар зарфи ним аср давлати сарбадорон мавҷудияти худро нигоҳ дошт, солҳои 1350-1392 дар Мозандарон ва аз соли 1370 дар Гелон давлати сайидҳо ба вуҷуд омад. Ҷунбиши сарбадорони Самарқанд (1365–1366) ва Карминаро (1373) на ин ки дар ҷудоӣ, балки дар қаринаи ҳамаи ин ҳаракатҳо бояд дид, ки баъзе ғояҳои муайяни онҳо, албатта, ба шакли махфӣ, дар миёна ва choряки севуми асри XIV ба Осиёи Миёна низ нуфуз кардаанд.

Давлати сарбадорон ҳам мисли дигар давлатҳои ҳамсоя бар принсипи салтанатӣ қарор гирифта буд. Аммо асоси иҷтимоии он ба куллӣ фарқ мекард.

Ҳокимияти давлатҳои сарбадорӣ дар дасти феодалони хурд буда, мавҷудияти ин давлатҳо фақат ба пуштибонии деҳқонону пешаварон вобастагӣ дошт. Қувваҳои ҳарбиро сарбозони аз байни заминдорони камбизоат ва деҳқонони озод даъватшуда ташкил медоданд. Феодалон ва дастаҳои ҷангии онҳо ба ин кор ҷалб карда намешуданд. На фақат қӯшун, балки идораи он низ демократӣ гардид. Ҳарчанд дар сари давлат ашрофи сарбадорӣ меистод, аммо намуди зоҳирии он тамоман дигар буд. Ҳокимон ҳам либоси одӣ мепӯшиданд, тақсими баробари ғаниматҳои ҳарбӣ ҷорӣ гардида, барои ҳамаи ояндагон ғизохӯрии умумӣ барпо карда мешуд. Соле як бор хонаи ҳоким «барои ғорат»-и мардум вогузор мегардид. Ҳамаи инҳо натиҷаи ба тамоюли баробарии қаноти радикали сарбадорон мутобиқшавии аъёну ашроф буда, дар зери фишори оммаи халқ ба амал меомаданд.

Чунонки И.П.Петрушевский дуруст қайд мекунад, «давлати сарбадорӣ демократияи деҳқонӣ набуд, вай давлати заминдорони хурд буд, ки танҳо ба туфайли гузаштҳои муҳим ба деҳқонон мавҷудияти худро нигаҳ дошта метавонист». Ин гузаштҳо фақат ҷиҳатҳои зоҳириро дар бар намегирифт. Гуфтан кофист, ки тамоми андоз ва маҷбуриятҳои ғайришаръӣ умуман, бекор карда шуданд. Заминҳои феодалони калон мавриди мусодира қарор гирифтанд ва маҳз қисми зиёди ҳамин заминҳо ба ихтиёри табақаи ашрофи сарбадорон гузаштанд. Зоҳиран, вазъияти аҳолии шаҳр низ қадре беҳтар гардид. Дар натиҷаи тадбирҳои бо фишори оммаи халқ амалишуда аҳолии меҳнаткаши шаҳр барои худ шароити нисбатан мусоиди зистро муҳайё гардонид. Вилоятҳое, ки ба таркиби давлати сарбадорони Хуросон дохил мешуданд, ҳам шаҳрҳо ва ҳам қишлоқҳо, ҳақиқатан ҳам чун гул шукуфон гардиданд.[7]

Ҳатто аз чунин як тавсифи мухтасари сарбадорони Хуросон, нақшаҳо ва сиёсати онҳо то чӣ андоза барои мардуми Мовароуннаҳр қувваи ҷазбкунанда доштани ин ҷунбиш равшан мешавад. Аз афташ, ҷунбиши сарбадорон дар Самарқанд решаҳои амиқи худро дошт. Бинобар ин, Темур бо наҷот додани Мавлонозода эҳсоси аслан барояш бегонаи «инсондӯстӣ»-ро зоҳир намуда, ҳамчун сиёсатмадори маккор ва дурандеш кӯшиш кард, ки ҳусни таваҷҷуҳи аҳолии шаҳрро нисбат ба худ ба вуҷуд оварад. Аммо ин кӯшиши ӯ бароре пайдо накард, дар оянда ҳам оммаи халқ муттасил бар зидди ӯ сар мебардоштанд.

Дар бораи анъанаҳои пурқуввати ҷунбиши сарбадорони Самарқанд чунин далел ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки пас аз барқарор гардидани ҳокимияти Темур низ ҳар бор, ки ӯ дуртар сафар кунад, аҳолии Самарқанд шӯриш мебардоштанд. Дар давоми ҳаждаҳ сол (1370–1388) аз ин қабил шӯру ошӯб нуҳ мартаба сар зада,[8] самарқандиҳо бо вуҷуди он ҳама рафторҳои бераҳмонаи Темур, мардонавор барои озодии худ мубориза мебурданд.

---

[7] Таҳлили таърих, базаи иҷтимоӣ ва идеологияи ҷунбиши сарбадорони Хуросонро ниг.: Петрушевский И.П., 1956.

[8] Ибни Арабшоҳ, 1868–1869, с. 16. Дар бораи шӯриш – Строева Л. В., 1949, с. 280-281

## Ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темур ва футуҳоти минбаъдаи ӯ

Пас аз забт шудани Самарқанд муносибати байни амир Ҳусайн ва Темур вайрон гардид. Темур дар вақти ҳукмронии амир Ҳусайн ҳокими Шаҳрисабз ва Қаршӣ буда, ба муқобили муттафиқи собиқи худ ба таври махфӣ кор мебурд. Мубориза махфиёнаи Темур то дараҷае расид, ки соли 1370 бо таҳрики ӯ дар Самарқанд табаддулоте ба амал омада, амир Ҳусайн кушта шуд ва Темур амири тамоми Мовароуннаҳр гардид.

Азбаски Темур аз авлоди Чингизхон набуд, пас аз ба Мовароуннаҳр соҳиб шудани худ ҳам унвони хониро қабул накард. Ӯ худро амир эълон намуда, ба он лақаби «Курагонӣ» (яъне «домод»)-ро ҳамроҳ кард, зеро вай зани амир Ҳусайни мақтулро, ки духтари Қазанхони Чингизӣ буд, ба занӣ гирифт. Темур мамлакатро бо кумаки хонҳои козиб Суюрғотмиш (1370–1388) ва писари ӯ, Султон Маҳмудхон (1388–1402) идора мекард.[9] Вай аз қабилаҳои ба худ наздики чағатой, хусусан аз барлосҳо гвардияи боэътимоде ташкил дод. Ба барлосҳо ва умуман ба тоифаҳои чағатоӣ ҳар гуна имтиёзҳо бахшид. Қувваҳои ҳарбие, ки аз ин тоифаҳо ташкил мешуданд, ба такягоҳи асосии ҳокимияти Темур табдил меёфтанд.

Сафири испонӣ – Гонзалес де Клавихо, ки дар соли 1404 ба пойтахти давлати темурӣ – шаҳри Самарқанд омада буд, дар дафтари хотироти худ чунин навиштааст: «Чағатоиҳо аз подшоҳ имтиёзҳои махсусеро соҳиб шудаанд: онҳо метавонанд ба ҳар куҷое, ки ҳоҳанд, бо рама ва галаи худ сафар кунанд, аз чорогоҳ ва заминҳои зироатӣ истифода намоянд. Онҳо зимистон ва тобистон дар ҳар маҳалле, ки мақбулашон ояд, зиндагонӣ мекунанд, онон озоданд ва ба подшоҳ андоз намедиҳанд, чунки дар вақтҳои лашкаркашӣ бо даъвати ӯ хизмати аскариро баҷо меоранд.[10]

Темур шӯриши оммаи халқ ва, аз ҷумла, ҷунбиши хеле бузурги сарбадорони Самарқандро дарҳам шикаста, сипас, ба муборизаи зидди феодалони маҳаллие, ки майли мустақилшавӣ доштанд, шурӯъ намуд. Гурӯҳи бонуфузи аҳолии шаҳр – тоҷирон ва пешаварони сарватманд, ки дар заиф шудани иқтидори мулкдорони бузург ва барҳам хӯрдани ҷангу низоъҳои дохилӣ зинафъ буданд, аз фаъолияти Темур дар амри марказият додани давлат пуштибонӣ мекарданд. Темур ба рӯҳониён бисёр имтиёзҳои иқтисодӣ дода, онҳоро низ ба тарафи худ кашид. Вай ба воситаи ташкил намудани лашкаркашиҳои ғоратгарона ба кишварҳои ҳамсоя ва ба вуҷуд овардани имконияти ба осонӣ соҳиби сарват шудан иштиҳои мулкдорони хурди феодалиро, ки аз қудрати ӯ пуштибонӣ мекарданд, бармеангехт.

Темур ба кишваркушоии 35-солаи худ қадам ниҳода, ҳокимияти худро, қабл аз ҳама, дар поинҳои ҷараёни дарёи Сир мустаҳкам намуд, ки дар он вақт дар ин ҷо ҳукумати хонии Оқ Ӯрда мавҷуд буд. Ӯ ба ихтилофи дохилисулолавии Оқ Ӯрда мудохила карда, Тӯхтамишхонро, ки яке аз муддаиёни тоҷу тахт буд, ҳимоя намуд. Тӯхтамишхон баъдҳо бо кумаки Темур ҳукумати Олтин Ӯрдаро низ ба даст даровард.

---

[9] Бартолд В. В., 1964 г, с. 42, 47–48.
[10] Клавихо, 1881, с. 220.

Дар соли 1372 амир Темур нахустин дафъа Хоразмро забт намуд. Пас аз ин ӯ панҷ мартаба ба муқобили шӯриши хоразмиён лашкар кашид ва охирин бор дар соли 1388 бар онҳо ҳамла овард. Дар вақти ин ҳуҷуми охир пойтахти Хоразм – шаҳри Урганҷ, ки яке аз марказҳои тиҷорати байни Аврупои шарқӣ ва Осиёи Миёна буд, бо фармони амир Темур бо замин яксон карда шуд. Сокинони шаҳрро ба Самарқанд кӯчонида, дар вайронаи шаҳри собиқ ҷав коштанд. Фақат дар соли 1391 Темур ба дубора барқарор кардани Урганҷ рухсат дод.

Аз соли 1388 амир Темур ба муборизаи шадид ва давомнок бар зидди Тӯхтамишхон сар кард. Вай дар соли 1392 ба хоки Қафқоз ҳуҷум оварда, Арманистон ва Гурҷистонро ғорат ва мутеъ намуд. Дар соли 1395 ба қувваҳои ҳарбии Тӯхтамишхон шикаст дода, бақияи лашкари ӯро таъқибкунон ба хоки давлати рус дохил гардид ва то Елтс расид. Дере нагузашта Темур пойтахти Олтин Ӯрда – шаҳри Саройро, ки дар соҳили дарёи Волга воқеъ шуда буд, забт ва хароб намуда, бо ҳамин ба давлати хонии Олтин Ӯрда зарбаи қатъӣ ворид овард.[11]

Ҳамаи ин, ба қавли А.Ю.Якубовский, ба Олтин Ӯрда «зарбаи ҳалокатовар» расонид. Пояи давлате, ки ба сари Руси қадим ин қадар бадбахтиҳо оварда буд, дарҳам шикаст. Олтин Ӯрда пас аз соли 1395 яқинан рӯ ба таназзул ниҳод. Торумор гардидани Мамай соли 1380 дар корзори Куликово зарбаи нахуст ва ҳалкунандае буд, ки ба Олтин Ӯрда расонида шуд; шикасти назди Терек дар соли 1395 ва хоку туроб гардидани Сарой зарбаи дувум гардид. Темур бо Олтин Ӯрда баҳри манфиатҳои Осиёи Миёна мубориза бурда, бо князҳои Москва, ки дар бораи онҳо тасаввуроти равшане надошт, алоқа барқарор накарда буд, вале ӯ объективона на фақат барои Осиёи Миёна, балки барои Русия низ кори муфиде кард»[12] (ҳарчанд ки дар ҳамон соли 1395 якчанд шаҳрҳои ҷануби Русияро ғорат намуд).

Темур дар баробари мубориза бурдан бо Олтин Ӯрда амалиёти ҳарбиро ба муқобили Эрон вусъат дода, он ҷоро низ ба ҳайати давлати императории худ дохил намуд. Вай инчунин ба Ҳиндустон се мартаба ҳуҷум оварда, дар соли 1398 шаҳри Деҳлиро ишғол кард ва ганҷинаҳои зиёди онро ба ғорат бурда, дар соли 1399 ба Самарқанд баргашт. Соли дигар Темур дар хоки Сурия қувваҳои султони Мисрро торумор намуд ва соли 1402 дар муҳорибаи Анқара ба қӯшуни султон Боязид шикасти муҳлик ворид овард. Темур дар соли 1404 ба пойтахти худ – шаҳри Самарқанд бозгашт намуда, дар фикри истилои мамлакати Чин афтод ва бо ғайрати тамом тадорукоти ҳарбӣ дида, дар соли 1405 лашкари худро ба тарафи шарқ ҳаракат дод. Лекин ӯ ба мақсади худ нарасида, дар роҳ (дар Утрор) ногаҳон вафот кард.

Дар натиҷаи ин ҳама лашкаркашӣ ва футуҳоти пуршумор амир Темур муваффақ шуд, ки давлати императории бузурге таъсис намояд. Давлати ӯ на фақат Мовароуннаҳр, Хоразм, мамлакатҳои соҳили баҳри Хазар (Каспий) ва хоки Афғонистони кунунӣ, балки Эрон, як қисми Ҳиндустон, Ироқ, навоҳии ҷанубии Қафқоз ва як қатор кишварҳои Осиёи ғарбиро дар бар мегирифт.

[11] Греков Б. Д., Якубовский А. Ю., с. 316–373.
[12] Якубовский А. Ю., 1946 а, с. 64.

Тамоми лашкаркашиҳои Темур ошкоро характери ғоратгарона доштанд. Масалан, вақте ки ӯ бо Тӯхтамишхон ҷанг мекард, ободиҳои лаби дарёи Волгаро чунон тороҷ ва хароб намуд, ки дар он ҷо қаҳтӣ ва гуруснагӣ рӯй дод. Маҳалҳои ободи шимоли Ҳиндустон низ ваҳшиёна ба харобазор табдил дода шуданд. Урдуҳои яғмогари Темур аз ин сарзамин сарвати беандоза ба даст даровarда, пас аз рафтани худ фақат шаҳру деҳаҳои хароб, вабо ва гуруснагиро дар Ҳиндустон боқӣ гузоштанд. Темур Арманистони пуродамро, чӣ навъе ки як шоҳид менависад, «бо қаҳтӣ, бо дами теғ, бо асорат, бо азобу уқубати гӯшношунида ва муомилаи ғайриинсонии худ ба биёбон табдил дод».[13]

Темур дар вақти лашкаркашиҳои истилогарона аз дигар ваҳшигариҳои мудҳиш низ худдорӣ намекард. Ӯ дар соли 1387 ҳангоми забт намудани шаҳри Исфаҳон ба  аскарони худ фармон дод, ки 70 ҳазор нафар аҳолии бегуноҳро сар бурида, аз сари онҳо «калламанора» созанд. Дар соли 1398 дар Ҳиндустон бо амри ӯ 100 ҳазор нафар асирон ба қатл расонида шуданд. Вай дар соли 1401 дар Димишқ аскарони худро фармуд, ки ҳар кадоми онҳо як сари буридаи одамӣ оваранд. Сипас, аз ин сарҳо калламанора сохтанд. Дар худи ҳамон сол Темур шӯриши Бағдодро фурӯ нишонда, рӯзи иди Қурбон ба аскаронаш амр кард, ки 90 ҳазор касро кушта, аз сари онҳо 120 калламанора созанд. Сарбозони Темур ба иҷрои ин фармон камар баста, дар қатори мардон занон ва кӯдакони маъсум ва инчунин асирони аз Сурия овардаи худро ваҳшиёна сар бориданд. Шарафиддин Алии Яздӣ пас аз марги Темур дар «Зафарнома»-и худ навиштааст, ки дар дохили давлати васеи империяи Темур ин тариқа «калламанораҳо» хеле зиёд буданд. Темур як шаҳри Осиёи Сағирро ишғол карда, фармон дод, ки ҳамаи кӯдаконро ба замин партофта, аз болои онҳо аспу ароба гузаронанд. Ин як навъ манзараи мудҳиши гӯшткӯбиро мемонд,– навиштааст яке аз шоҳидони онзамона.

Воқеаҳои фоҷиавии Сабзавор (дар Хуросон) аз лиҳози бераҳмӣ аз ин ҳама ваҳшигариҳои Темур камтар набуданд. Мардуми Сабзавор бар зидди ҳукмронии хунхоронаи Темур шӯриш бардоштанд. Амир Темур дар соли 1383 ин шӯришро хобонида, аҳолии он ҷоро ба ҷазоҳои сахттар аз марг дучор кард: бо амри ӯ одамони зиндаро дар байни хиштпораҳо гузошта ва аз болои онҳо оҳак ва гил рехта, деворҳои баланд сохтанд. Чунин ҳодиса низ рӯй медод, ки аскарони Темур душманони асирафтодаро зинда ба зинда гӯр мекарданд. Ҳатто рӯзе бо амри Темур якбора 4 ҳазор кас бо ин азоби фаҷеъ нест карда шуданд. «...Сиёсати Темур, – навишта буд К.Маркс,– аз он иборат буд, ки ҳазорҳо занону бачагон, мардону ҷавононро азобу шиканҷа диҳад, қир кунад ва ба ин тариқа, дар ҳама ҷо воҳима андозад…».[14]

Бо ҳамин роҳ Темур кӯшиш мекард, ки аҳолии ба ғорат ва истисмори бераҳмона дучоркардаашро дар итоати  худ нигоҳ дорад.

Манбаъҳои таърихӣ ба Темур чунин ҳикматеро нисбат додаанд: «Тамоми қитъаи маскуни олам сазовори он нест, ки бештар аз як подшоҳ дошта бошад».[15] Дар ҳақиқат ҳам, Темур дар баробари тороҷ ва истисмор намудани

[13] Фома Метсопский, 1957, с. 62.
[14] «Архиви Маркс ва Энгелс, ҷилди VI, с. 185.
[15] Шарафиддини Яздӣ,1887, ҷилди I, с. 306.

аҳолии кишварҳои забтшуда саъй мекард, ки ҳокимияти худро дар тамоми олам барқарор намояд. Вай аз нав ташкил кардани давлати императории азпоафтодаи муғулро мақсади асосии худ қарор дода буд. Аз ин рӯ, Темурро метавон муттаҳидкунандаи давлати азҳампошидаи Чингизхон номид. Вале бояд хотирнишон кард, ки Темур ба анҷоми ин кор муваффақ нагардид. Ӯ дар мамлакатҳои таҳти тасарруфаш ҳатто усули идораи як қадар муттаҳидшаклеро ҳам ташкил карда натавонист.

Темур бо урдуҳои ғоратгари худ марказҳои маданиро хароб намуда, дар айни замон барои ободии вилоятҳои Осиёи Миёна, ки асоси иқтидори давлати ӯро ташкил медоданд, кӯшиш кард. Бо амри ӯ дар ин маҳалҳо корҳои обёрӣ ва роҳсозӣ хеле вусъат дода шуд. Темур аз Байнаннаҳрайн, Осиёи Сағир, Эрон ва Ҳиндустон гурӯҳ-гурӯҳ устодон, аҳли илм ва санъатро асир намуда, ба Мовароуннаҳр меовард. Иддаи зиёде аз одамони пешавару ҳунарманд, ходимони илм ва санъат хусусан ба пойтахти давлати темурӣ – шаҳри Самарқанд ҷамъ карда шуданд. Ин буд, ки шаҳри Самарқанд дар ин давра ниҳоятдараҷа сабзид.

Амир Темур манфиатҳои табақаи болоии феодалони ба тиҷорат алоқаманд ва бозургононро дар назар дошта, дар бобати ба бузургтарин маркази тиҷоратӣ табдил ёфтани Самарқанд низ тадбирҳои лозимаро пешбинӣ намуд. Гонзалес де Клавихо дар ин бора чунин менависад: «Азбаски дар он ҷо (дар Самарқанд.– Б.Ғ.) барои ба тартиб фурӯхтани ҳамаи чиз ҷойи калоне мавҷуд набуд, подшоҳ фармон дод аз байни шаҳр кӯчае гузаронанд, ки дар ду тарафи он барои фурӯхтани молҳо дуккон ва хаймаҳо бошанд».[16]

Ин кор бо усули хоси кордории Темур анҷом пазируфт. Бо фармони маъмурони ӯ ҳавлӣ ва дигар биноҳое, ки аз ҷойи онҳо бояд роҳ мегузашт, аз байн бурда шуданд ва соҳибони ин биноҳо барои дур будан аз ногувориҳо ба ҳар сӯ гурехта рафтанд. «Кӯчаи хеле калон сохта шуд,– менависад Клавихо,– ки дар ду тарафи он дӯконҳо сохта, хайма ва хиргоҳ зада буданд... рӯйи кӯча ҳамчун тим пӯшида шуда, аз ҳар куҷои он барои равшаноӣ панҷараҳо гузошта буданд. Баробари тамом шудани кори сохтмони хаймаҳо фавран тоҷирон дар он ҷой гирифта, ба фурӯхтани ҳар гуна молу ашё шурӯъ намуданд».[17]

Темур мехост роҳҳои тиҷоратӣ дубора ба воситаи Мовароуннаҳр барқарор гарданд. Аз ин сабаб вай барои вайрон кардани тиҷорати байни Аврупо ва шарқ, ки аз роҳи Олтин Ӯрда сурат мегирифт, кӯшиш намуд ва бо ҳамин ният шаҳрҳои Сарой ва Урганҷро ба харобазор мубаддал гардонид, то ин ду шаҳр аҳамияти тиҷоратии худро гум кунанд.

Пас аз он ки Темур Эронро тасхир намуд, то як андоза ба дубора барқарор кардани роҳи тиҷорати ҷаҳонӣ дар Мовароуннаҳр муваффақ гардид.[18] Акнун бозаргонон аз Эрон ба Султония омада ва аз он ҷо ба воситаи Ҳирот ва Балх ба Самарқанд ва, сипас, ба воситаи Тароз ба Муғулистон мерафтанд.

---

[16] Клавихо, 1881, с. 316.

[17] Ҳамон ҷо, с. 317

[18] Дар мукотибаи Темур бо ҳукмронони давлатҳои Аврупои ғарбӣ–подшоҳи Франсия Карли VI ва подшоҳи Англия Генрихи IV масъалаи инкишофи тиҷорат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ниг.: Умняков И. И., 1956; «Таърихи Самарқанд», ҷилди I, 1969, с. 173–189

## Муборизаи сулолавии Темуриён

Пас аз марги Темур давлати бузурги императории ташкилкардаи ӯ аз по афтода, Мовароуннаҳр ба саҳнаи муборизаҳои хунини сулолавӣ табдил ёфт. Темур ҳанӯз дар вақти ҳаёти худ давлатро дар байни фарзандонаш – Ҷаҳонгир, Умаршайх, Мироншоҳ, Шоҳрух ва набераҳояш – Муҳаммадсултон, Пирмуҳаммад, Иброҳим ва Улуғбек тақсим намуда буд.

Ҳанӯз аз фавти Темур якчанд рӯз нагузашта буд, ки ҳар кадом аз Темуриён худро мустақил эълон карданд. Набераи Темур, ҳокими Тошканд– Халилсултон (писари Мироншоҳ) лашкар ҷамъ намуда, пештар аз писари Ҷаҳонгир – Пирмуҳаммад, ки ӯро Темур ҷонишини худ таъйин карда буд, омада ба пойтахти давлати темурӣ – шаҳри Самарқанд соҳиб шуд. Агарчи Пирмуҳаммад борҳо барои барқарор кардани ҳуқуқи худ кӯшиш намуд, вале муваффақият ба даст оварда натавонист ва ниҳоят дар соли 1406 ба қатл расид.

Ба Темуриён лозим омад, бо намояндагони сулолаҳои собиқ ҳам, ки Темур аз ҳукмронӣ маҳрум карда буд, мубориза баранд. Дар ғарб ва шимоли ғарбии Эрон намояндагони сулолаи туркмании Қарақуюнлу, дар Туркистон амир Худодод ва шайх Нуриддин исён намуданд. Ҳангоме ки дар соҳили дарёи Аму байни Халилсултон ва Пирмуҳаммад ҷанг мерафт, Худодод қӯшуни муғул ва қалмиқро муттаҳид намуда, ба Мовароуннаҳр ҳуҷум овард. Ӯ Самарқандро забт карда, ҳатто дар вақти муҳориба Халилсултонро асир гирифт.

Темуриён ба вазъияти хеле хавфоваре дучор гардиданд. Писари Темур – Шоҳрух, ки ҳокими Ҳирот буда, исман ворисi падари худ ҳисоб мешуд, фавран лашкар ҷамъ намуда, роҳи Мовароуннаҳрро пеш гирифт. Шоҳрух қӯшуни Худододро торумор карда, худи ӯро бо дасти ҷосусе ба қатл расонид ва Халилсултонро озод кард. Лекин вай Халилсултонро дигар аз ҳуқуқи ворисi салтанат маҳрум сохта, ӯро ҳокими Рай таъйин намуд ва идора кардани Самарқанд ва, умуман, Мовароуннаҳрро дар соли 1409 ба писари понздаҳсолаи худ – Улуғбек супорида, худ ба тарафи Эрон лашкар кашид. Ӯ тадриҷан авлоди се писари бузурги Темур – фарзандони Ҷаҳонгир, Умаршайх ва Мироншоҳро аз ҳокимият дур карда, писари худ Иброҳимсултонро дар соли 1414 ҳукмрони Шероз ва писари дигари худ – Суюрғотмишро дар соли 1418 ҳокими Кобул, Ғазнин ва Қандаҳор таъйин намуд.

Дар зарфи ин муддат намояндагони сулолаи туркмани Қарақуюнлу ба иқтидори маълум соҳиб гардида, на фақат хоки қабл аз футуҳоти Темур доштаашонро дубора ба даст даровarданд, балки ҳудуди қаламрави худро хеле вусъат доданд. Шоҳрух ба муқобили Қарақуюнлу се дафъа лашкар кашид, аммо ба ғалабаи қатъӣ муваффақ нагардида, ба сулҳ розӣ шуд ва идора кардани Озарбойҷонро дар соли 1436 ба Ҷаҳоншоҳ ном яке аз намояндагони ин сулола вогузор намуд.

Дар замони ҳукмронии Шоҳрух (1405–1447) давлати Темур, бо вуҷуди хеле гум кардани хоки худ, ҳанӯз то як андоза иқтидори пешинаашро нигоҳ медошт. Зимнан, бояд хотирнишон кард, ки аз сарзамини таҳти тасарруфи

Шоҳрух амалан ду давлат: яке давлати худи Шоҳрух бо марказаш Ҳирот ва дигаре давлати Улуғбек бо марказаш Самарқанд ба вуҷуд омад.[19]

## Ҳукмронии Улуғбек

Вақте ки Шоҳрух писари понздаҳсолаи худ – Улуғбекро ҳукмрони Самарқанд таъйин кард, зимоми ҳокимият амалан дар дасти сипаҳсолори номдор, ҳамразми Темур амир Шоҳмалик буд. Аз вақти ба тахт нишастани Улуғбек дере нагузашта, 20 апрели соли 1410 дигар сипаҳсолори темурӣ, ҳокими Туркистон бо қӯшуни сершуморе ба Самарқанд ҳамла овард. Улуғбек маҷбур гардид, ки ҳамроҳи васии худ фирор намояд. Шоҳрух ба маҳзи воқиф шудан аз ин ҳодиса фавран бо лашкари зиёде роҳи Самарқандро пеш гирифт. Дар муҳориба феодали исёнкор сахт шикаст хӯрда, базӯр ҷон ба саломат бурд, вале пас аз ду сол оқибат кушта шуд.

Ҳокимияти Шоҳрух дар Осиёи Миёна комилан барқарор гардид.

Улуғбек аз тобеият ба васӣ хеле дилгир шуда, ҳар гоҳ ба падари худ арз мекард, ки ӯро аз васотат раҳо намояд. Чун вазъи сиёсӣ ҳам пас хондани Шоҳмаликро талаб мекард (ӯ дар байни ашрофзодагони Осиёи Миёна душмани бисёр пайдо карда буд), Шоҳрух хоҳиши писарашро ба ҷо овард. Ҳамин тариқа, аз соли 1411 Улуғбеки ҳафдаҳсола на ин ки исман, балки амалан ҳукмрони Мовароуннаҳр гардид.

Дар ин маврид ҳам ҳокимияти олӣ ҳамоно дар дасти Шоҳрух буд. Улуғбек соле чанд бор барои саҷда ба Ҳирот мерафт, доир ба муҳимтарин масоил ҳамеша маслиҳати падарро мегирифт, аз кардаҳояш ба ӯ ҳисобот медод ва ғ. Бо вуҷуди ин, ҳамзамононаш Улуғбекро ҳокими мутеъ ҳисоб намекарданд. Ӯ тақрибан дар ҳар бобат амалан соҳибихтиёр буд, вале корро ба ҷое намерасонд, ки боиси бадгумонии падар ва халалдор шудани муносибати байни онҳо гардад.

Улуғбек дар соли 1414 ба муқобили ҳокими Фарғона – шаҳзода Аҳмад амалиёти муваффақиятноки ҳарбӣ гузаронида, қаламрави ӯро ба мулки худ ҳамроҳ намуд ва пас аз чанде Кошғарро ҳам ба тасарруф даровард. Улуғбекро, махсусан, ӯзбекони қувватгирифта ва Муғулистон ба ташвиш меандохтанд. Аввалҳо ӯ ба гузоштани гумоштаҳои худ дар сари ин давлатҳои кӯчнишин муваффақ гардид, вале баъдтар онҳо торафт аз итоати ӯ баромадан гирифтанд.

Соли 1425 Улуғбек дар ноҳияи Иссиққӯл ва наҳри Или амирони муғулистониро шикаст дода, ғаниматҳои зиёде ба даст даровард. Санги яшме, ки ба мақбараи Темур истифода шудааст, аз ҷумлаи ҳамин ғаниматҳост.[20] Боз як ёдгории ин воқеа навиштаҷоти дараи Ҷелонӯтӣ (дар роҳи байни Ҷиззах ва Самарқанд) мебошад, ки дар он Улуғбек аз юриши худ ва «аз он мардум сиҳат ва саломат ба ин ҷониб баргаштанашро» хабар додааст.[21]

Аммо пас аз ду сол лашкари Улуғбек аз ӯзбекони бодиянишин сахт шикаст хӯрд, ки ба ин, беш аз ҳама, фориғболӣ ва белаёқатии худи Улуғбек ва сардорони лашкари ӯ боис гардида буд. Ғолибон мамлакатро тамоман ғорат карданд.

---

[19] Тадқиқи муфассали таърихи Осиёи Миёнаи аҳди Шоҳрух ба қалами В.В.Бартолд тааллуқ дорад (1964). Инчунин ниг.: Аҳмадов Б.А., 1965

[20] Массон М. Е., 1948.

[21] Лерх П. И., 1870, с. 26.

Шоҳрух бо қӯшуни сершумор ба кумаки писараш шитофт. Гунаҳкорони дар ҷанг шикастхӯрда бо калтак ҷазо дода шуданд. Улуғбек аз ҳокимият дур карда шуд. Вале падараш аз рӯйи илтифот ҳокимиятро боз ба ӯ пас гардонд.

Баъди ин воқеа Улуғбек дигар ба юришҳои ҳарбӣ сардорӣ накард ва он дастаҳое, ки ӯ ба муқобили бодиянишинҳо равона менамуд, одатан ба ягон муваффақияте ноил намегардиданд. Ӯзбекони бодиянишин на фақат қисмати муҳимми Хоразмро ишғол карданд, балки чандин бор ба Мовароуннаҳр ва музофотҳои шимолии Эрон ҳамла оварданд. Умуман, пирӯзиҳои ҷангӣ ба Улуғбек насиб нагардид.

Аз муҳимтарин тадбироти Улуғбек дар дохили давлат ислоҳоти пулии соли 1428 буд. Ин ислоҳот дар бобати ба низом даровардани муомилоти пулӣ ва тиҷорат, ки ба андозае манфиатҳои аҳолии меҳнатиро низ ифода мекард, роли мусбат бозид (доир ба ин ислоҳот поинтар батафсил сухан хоҳад рафт). Зоҳиран, дар аҳди Улуғбек андози замин назар ба давраи пас аз ӯ, яъне нимаи дувуми асри XV ҳаҷман камтар ситонда мешуд. Аз ҳамин ҷост, ки Давлатшоҳ гуфтааст: «Улуғбек дар замони подшоҳии падари худ – Самарқанд ва Мовароуннаҳр мустақилона ҳукумат кард ва дар умури идора ва адлия русуми шоистаеро риоят намуд».

Улуғбек аз Шоҳрух, ки мусулмони мутаассибе буда, вазифаи асосии худро фақат дар дақиқона ва айнан риоя намудани тамоми аҳкоми шариат ва ба ин амр маҷбур кардани табааҳои худ медонист, аз бисёр ҷиҳатҳо фарқ мекард. Дар шаҳри Ҳирот – пойтахти давлати темурии аҳди Шоҳрух қоидаҳои сахт ва зуҳду тақвои намунавӣ ҳукмфармо буд.

Дар айни замон дар Ҳироти онвақта адабиёти бадеӣ ва санъати тасвирӣ хеле равнақ пайдо намуд. Писари Шоҳрух шаҳзода Бойсунқар китобхонаи бузурге сохта, бисёр хаттотони номӣ, котибҳо, саҳҳофон, мусаввирон ва ҳатто мутахассисони соҳаи адабиётро ба ин ҷо ҷамъ овард. Ӯ дар баробари китобати матнҳои қадима ва нодир корҳои матншиносиро ҳам ба роҳ гузошт. Таҳияи матни ҷомеи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки дар ин китобхона бо амри Бойсунқар анҷом ёфта буд, намунаи чунин иқдоми муҳимест. Ғайр аз ин, ба матни мазкур муқаддимаи мукаммале низ навишта шуд. Ин нусхаи «Шоҳнома» то замони мо расидааст ва дар китобхонаи Теҳрон маҳфуз аст.[22]

Аммо муҳити Самарқанд тамоман дигар буд. Дар ин ҷо ҳатто шайхулислом базмҳое меорост, ки занҳои раққоса ширкат меварзиданд. Рӯзе яке аз пайравони мутаассиби шариат аз ӯ пурсид: «Шайхулисломи беислом, кадомин тариқати дин якҷо нишастан ва бо ҳам нӯшидани марду занро раво медонад?».

Саргарми илмҳои дунявӣ гардидани Улуғбек зиддияти байни ӯ ва аҳли таассубро боз ҳам тезутундтар намуд.

Аввалин мураббии Улуғбек дар овони кӯдакиаш қиссагӯ, шоир ва донишманди маъруф шайх Орифи Озарӣ буд. Баъдтар ӯ устодони дигар низ пайдо кард, ки аз байни онҳо, махсусан Қозизодаи Румӣ ва Ғиёсиддин шуҳрати зиёде доштанд. Қозизодаи Румиро «Афлотуни замон» меномиданд. Улуғбек аз адабиёт вуқуфи комил дошт, забонҳои туркӣ, тоҷикӣ ва арабиро ба хубӣ медонист ва худ ба туркиву тоҷикӣ шеър ҳам мегуфт, илми мусиқиро омӯхта, дар

[22] Бартолд В. В., 1964 г, с. 120-121; Ромаскевич А. А., 1934, с. 14; Якубовский А. Ю., 1946, с. 20-21; Бертелс Е. Э., 1960, с. 169-170.

ин соҳа панҷ рисола таълиф намудааст, ҳамчунин нисбат ба илми тиб майлу рағбати зиёде аз худ зоҳир кардааст. Ӯ дар баҳсу мунозираҳои илмӣ иштирок намуда, ҳозиронро бо зеҳни хориқулода ва дониши амиқи худ дар ҳайрат мегузошт. Бо вуҷуди он ки ӯ қариб дар ҳамаи соҳаҳои илму фан маълумоти мукаммалеро соҳиб гардида буд, беш аз ҳама, риёзиёт ва, алалхусус, илми нуҷумро дӯст медошт ва аксари вақти худро ба ин роҳ сарф менамуд. Ӯ тавонист дар андак муддат маъруфтарин мунаҷҷимон ва риёзидонони он замонро ба Самарқанд ҷамъ карда, расадхонаи бо асбобҳои мукаммал таҷҳизонидашударо ба вуҷуд оварад. Самараи асосии кори ин расадхона, ки худи Улуғбек бевосита ширкат намудааст, ҷадвали нави нуҷумӣ мебошад ва он муқаддимаи муфассали назариявист, ки барои ин ҷадвал навишта шудааст.[23]

Бо фармоиши Улуғбек дар Самарқанд, Бухоро, Кеш ва Ғиждувон бисёр биноҳои бузургу муҳташам сохта шудаанд, ки мадрасаи машҳури регистони Самарқанд аз ҷумлаи ҳамин биноҳост.[24]

## Қатли Улуғбек. Низоъҳои феодалӣ

Улуғбек пас аз вафоти Шоҳрух (1447) муддате чанд шаҳри пойтахтии Ҳиротро ҷойи истиқомати худ қарор дод. Вале дар ҳамин вақт ӯзбекони бодиянишин ба Самарқанд ҳуҷум карда, шаҳрро ба муҳосира гирифтанд. Бинобар ин, Улуғбек маҷбур шуд ба Мовароуннаҳр бозгардад. Дар роҳ ба дастаҳои душман дучор омада, аз қувваи аскарӣ талафоти зиёде дод. Ин боиси паст шудани эътибори ӯ гардид. Аҳолӣ, аз он ки ҳокимияти марказӣ иқтидори гирифтани пеши ҳуҷум ва ғоратгариҳои душманро надорад, изҳори норизогӣ мекард. Аз ин норизогии мардум истифода бурда, писари худи Улуғбек – Абдулатиф бо таҳрик ва ташвиқи рӯҳониёни иртиҷоӣ исён бардошт. Дар муҳориба Улуғбек тамоман шикаст хӯрда, аз тахти салтанат фуроварда шуд. Ниҳоят, дар охири моҳи октябри соли 1449 Улуғбек на бо розигӣ, балки бо фармони Абдулатиф ба қатл расид.

Абдулатиф дер боз орзуи соҳибӣ кардани тоҷу тахтро дар дил мепарварид. Рӯҳониёни мутаассиби ислом ва шайхони тариқати дарвешӣ, ки Улуғбекро бад медиданд, ин майлу иштиёқи салтанатхоҳии вайро боз ҳам афзунтар мегардониданд. Бо ҳамин қасд Абдулатиф падарашро кушт ва барои тамоман эмин будан аз даъвои тахти салтанат бародарашро ҳам нобуд сохт. Лекин аз байн шаш моҳ нагузашта, худи ӯ ҳам аз тарафи суиқасдкунандагони ҳарбӣ ба қатл расид. Пас аз ин муборизаи байни Темуриён бо қувваи нав шиддат ёфт. Аз низоъҳои байнихудии ин хонадон тоифаҳои бодиянишин, ки мавқеи онҳо дар ҳаёти сиёсии мамлакат торафт бештар мегардид, истифода бурданд. Аз аҳли хонадони темурӣ ба Абӯсаид муяссар гардид, ки бо кумаки қувваҳои муттаҳидаи тоифаи бодиянишини ӯзбек бо сардории Абулхайрхон ҳокимияти авлоди Мироншоҳро дар Мовароуннаҳр дубора барқарор кунад.

Дар давраи ҳукмронии султон Абӯсаид (1451–1469) ҳаёти илмӣ ва адабӣ рӯ ба таназзул ниҳода, ба ивази он таассуби динӣ ривоҷ гирифт, нуфузи

[23] Массон М. Е., 1941; Қорӣ-Ниёзов Т. Н., 1950; Шишкин В. А., 1953: Вороновский Д. Г., 1965; Қорӣ-Ниёзов Т. Н„ 1965; Сироҷиддинов С. Х., Матвиевская Г. П., Шишкин В. А., 1965.
[24] Пугаченкова Г. А.,1965.

рӯҳониёни иртиҷоъпараст ва пайравони дарвешия беш аз пеш афзуд. На фақат Самарқанду Бухоро, балки тамоми Мовароуннаҳр аҳамияти худро ҳамчун мамлакати пешқадами шарқ аз даст дод.

Мавқеи дарвешияи иртиҷоӣ ба дараҷае баланд гардид, ки давлати Темуриён қариб тамоман дар зери итоати шайхи тариқати дарвешӣ, феодали хеле калон Хоҷа Аҳрор қарор гирифт. Метавон гуфт, ки ҳукмронии чилсолаи Улуғбек ба ҳукмронии чилсолаи Хоҷа Аҳрор – яке аз тиратарин симоҳои таърихи халқҳои Осиёи Миёна иваз гардид.

Дар миёнаи асри XV барои соҳиб шудан ба ҳокимияти олӣ дар Хуросон мубоизаи шадид мерафт. Абӯсаид муваффақ гардид, ки тахти Ҳиротро ба даст даровардa, сарзамини паҳновареро аз Тиёншон то Бағдод ва аз дашти Қирғиз то дарёи Ҳинд ба зери ҳокимияти худ даровард. Аммо ин иттиҳод аслан фақат дар зоҳир буд, зеро ба муқобили ҷудоихоҳии феодалони калон, ки амалан соҳибони комилҳуқуқи ноҳия ва вилоятҳои тамом ба шумор мерафтанд, мубориза кардан имкон надошт.[25]

Муаррихи он замон Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи то чӣ андоза қувват пайдо кардани майлҳои ҷудоиталабии онвақтаи феодалӣ, хусусан дар Хуросон, ба тариқи зайл нақл менамояд: «Аҷибтар аз ҳама ин ки ҳар як қалъаи дар он ҷониб воқеъшуда мулки ягон саркардае ҳисоб меёфт».

Мовароуннаҳр аз соли 1469 ба дасти фарзандони султон Абӯсаид гузашт ва Хуросон ба ихтиёри авлоди Умаршайх қарор гирифт. Бузургтарин намояндаи ин хонадон Султон Ҳусайн ибни Мансур ибни Бойқаро буд, ки дар Ҳирот ҳокимияти қавии худро барқарор намуда, муддати чил сол салтанат ронд.[26]

## 2. ХОҶАГӢ. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Вазъи умумии хоҷагӣ ва истисмори деҳқонон

Дар замони Темуриён вазъияти хоҷагии қишлоқ назар ба замони муғулҳо хеле беҳтар гардид. Ҷангҳои Темур харобиовар буданд, ӯ мардуми бисёреро нобуд сохт, хусусан дар шаҳру қишлоқҳои муқобилатнишондода ваҳшигариҳои бемислу монанде кард. Лекин, дар айни замон, вай барои барқарор намудани иншоотҳои обёрии вайронкардаи муғулҳо ва васеътар гардонидани майдонҳои кишт дар чанде аз вилоятҳои мамлакат баъзе тадбирҳо андешид. Сиёсати молиётии ӯ низ барои вусъат ва инкишофи зироат

---

[25] Дар аҳди Абӯсаид ҳамаи вилоятҳои ғарбии Эрон аз Озарбойҷон то соҳилҳои уқёнуси Ҳинд, ки пештар як қисмати давлати Темур ҳисоб мешуданд, ба дасти сулолаи туркмани Қарақуюнлу даромаданд. Дар соли 1458 Ҷаҳоншоҳ ҳатто кӯшиш кард, ки Ҳиротро забт намояд, вале ба ин муваффақ нагардид. Соли 1459 дар байни ӯ ва Абӯсаид муоҳидае баста шуд, ки бар тибқи он қисмати ғарбии Эрон бар таҳти тасарруфи Ҷаҳоншоҳ монда, Хуросон ба ихтиёри Абӯсаид гузашт. Абӯсаид пас аз марги Ҷаҳоншоҳ хост ҳокимияти давлати Темуриёнро дар ғарби Эрон дубора барқарор намояд, лекин ба чунин нияти худ расида натавонист: дар яке аз муҳорибаҳо ба дасти душмани худ асир афтода, кушта шуд (1469). Ба ин тариқа, қисмати ғарбии Эрон ҳамоно дар дасти сулолаи Қарақуюнлу боқӣ монд.

[26] Бартолд В. В., 1964 е; Якубовский А. Ю., 1946.

шароити нисбатан мусоид фароҳам овард. Темуриён (ғайр аз вақтҳои ҷангу ҷидоли байниҳудӣ) асосан ин сиёсати муассиси давлати худро давом доданд.[27]

Маълум аст, ки Темур дар воҳаи Марв, водии дарёи Мурғоб корҳои зиёди обёрӣ ташкил намуд. Ӯ фармуд, ки саркардаҳои ҳарбӣ ва шахсони олимансаб аз Мурғоб канал бароранд. Манбаъҳо аз ин қабил каналҳо 20-тоашро ном бурдаанд, ки аксари онҳо ба исми калонтарин саркардаҳо ва соҳибмансабони аҳди темурӣ номида шудаанд. Баъдтар Шоҳрух дар бобати барқарор намудани садди асосии об, ки бо номи «Султонбанд» машҳур буд, инчунин барои тоза кардани каналҳои лойзеркарда чораҳо дид. Қисмати зиёди заминҳои зироат дар воҳаи Марв бо ташаббуси Султон Ҳусайн обёрӣ карда шуд. Корҳои обёрӣ дар баъзе дигар вилоятҳои мамлакат (масалан, дар навоҳии Ҳирот ва Самарқанд) низ гузаронида шуданд. Дар замони Темуриён ҳар ташаббуси шахсии дар роҳи обёрӣ нишон додашуда мавриди тақдир қарор мегирифт, касони заминҳои бекорхобидаро азхудкарда ба имтиёзҳо соҳиб мешуданд.

Як қатор масъалаҳои муҳимми таърихи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёнаи асри XV ҳанӯз ҳал нагардидааст ва баъзе аз онҳо, ҳатто пеш гузошта ҳам нашудааст. Аммо таърихшиносони советӣ роҷеъ ба муносибатҳои аграрии он замон таҳқиқоти зиёд ва самараноке анҷом додаанд,[28] ки тавассути он мумкин аст қонуниятҳои асосӣ, протсессҳо ва воқеаҳои ин давраро назар ба давраи гузашта пурратар ва равшантар баён кард.

Андози асосии замин дар замони Темур ва Темуриён хироҷ буд, ки ба ду шакл: яке ба тариқи мол, яъне ҳиссае аз маҳсул ва дигаре аз рӯйи масоҳати замин ба тариқи пул ситонида мешуд.[29] Хироҷ асосан ба шакли мол рӯёнда шуда, ҳаҷми муайяне дошт. Аз рӯйи баъзе мадракҳо, молиёти замин, одатан, як савуми ҳосилро ташкил мекард.

Дар сарчашмаҳо оварда шудааст, ки амалдоронро барои суиистеъмол ва худсарона зиёд кардани ҳаҷми андоз ҷазо медодаанд, гоҳо ҳатто маҷбур ҳам мекардаанд, ки андози барзиёда ситонидаашонро ба деҳқонон баргардонанд. Баъзан ба муносибати ҷашнҳо вилоятҳои ҷудогона ба муддати чанд вақт аз додани хироҷ озод карда мешудаанд.

Вале дар худи ҳамон сарчашмаҳо иттилоъ дода мешавад, ки хусусан дар овони ҷангҳои байниҳудӣ аз аҳолӣ дар як сол чанд бор хироҷ меғундоштанд ё ҳаҷми онро зиёд мекарданд ва илова бар навъҳои мавҷудаи он бо ихтиёри худ молиёт меситониданд.

Ба ин муносибат шаҳодате, ки Давлатшоҳ дар бораи меъёри ҷамъ кардани хироҷи пулӣ (на аз ҳиссаи ҳосил, балки аз масоҳати муайяни замин) додааст,

---

[27] Жуковский В. А., 1894, с. 71; Бартолд В. В., 1964, с. 62; 1965 а, с. 151-152; 194-195; Маҳмудов Н., 1966, с. 13.

[28] Азимҷонова С. А., 1954 ва 1957; Беленитский А. М., 1945; Маҳмудов Н., 1966; Молчанов А. А., 1940; Чехович О. Д., 1965; Якубовский А. Ю., 1946 ва ғайра.

[29] Аммо на ҳамеша хироҷи дар манбаъҳо ба тариқи пул ифодаёфтаро ба таври механикӣ шакли пулии даромади солонаи замин ҳисобидан мумкин аст. Масалан, ба гумони Н.Маҳмудов (1966, с. 70) хироҷе, ки яке аз ҳокимон ба Темур мепардохт ё худ хироҷе, ки гумоштаҳои Темур аз хироҷғундорандагони Хуросон ҷамъ карда, мебоист ба Самарқанд мерасониданд, шакли пулии худро доштааст. Дар ин ҷо дар бораи воқеан, шакли пулӣ доштани даромади замин сухан рондан на он қадар ҷоиз аст. Ин ҷо шояд ҳамон ҳодисае зикр ёфта бошад, ки одатан хироҷро ба тариқи мол ҷамъ карда ва аз рӯйи арзиш ба пул гардонида, пулро ба хазинаи ҳукумати марказӣ мефиристоданд.

ҷолиби диққат мебошад. Аз рӯйи гуфтаҳои ӯ маълум мегардад, ки ин меъёр дар замони Улуғбек назар ба вақти таълифи Давлатшоҳ (1487) камтар будааст.[30]

Аммо дар хусуси тағйироти хироҷи молӣ, ки чун ҳиссае аз ҳосил ситонида мешуд, ҳоло чизе маълум нест. Ба ҳар ҳол, ба вуқӯъ омадани ин тағйирот аз эҳтимол дур нест, зеро тағйири меъёри хироҷ яқинан ба ҳамаи навъҳои он дахл мекард.

Ғайр аз хироҷи оидоти замин дар асри XV боз бисёр андозҳои дигари иловагӣ вуҷуд дошт, ки ба ҳар яки он низ ранги қонунӣ дода, ҳам ба шакли пул ва ҳам ба шакли мол аз мардум меситониданд. Чанде аз ҳамин қабил андозҳои иловагӣ маҳз барои таъмини маоши соҳибмансабон муқаррар гардида буд. Ба дарахтони мева низ андози махсусе мавҷуд буд, ки онро «сардарахтӣ» меномиданд.

Андози сарикасӣ, ки муғулҳо ҷорӣ карда буданд, бо номи «саршумор» дар асри XV ҳам вуҷуд дошт. Илова бар ин, ба сабаби дуд кардан низ андоз мегирифтанд, ки он бо номи «дудӣ» машҳур гардидааст. Дар қатори ин ҳама боз якчанд уҳдадориҳо ба зиммаи аҳолӣ гузошта мешуд, ки вазнинтарини онҳо андози почта – «улоғ» (мувофиқи он аҳолӣ маҷбур буд, ки ба ҳар як қосид ва чопар асп ёфта диҳад) ва «пешкаш» (ба тариқи туҳфа ва бахшиш) ба шумор мерафт. Чун ба ин навъ уҳдадориҳо ҳадде муқаррар нагардида буд, барои суиистеъмол ва ҷабр имконоти васеъ фароҳам меомад. Беҳуда Темур пешкашро тамоман бекор накарда буд. Фақат дар вақти ҷанг аз аҳолӣ андозҳои иловагии махсус гирифтан мумкин буд, вале амалдорон гоҳо ин қабил андозро дар айёми осоиштагӣ низ рӯёниданӣ мешуданд.

Дар замони Темуриён барзгаронро дар сохтмон ва таъмири ҳисору қалъа, кофтан ва тоза кардани каналу корезҳо ва ғайра кор мефармуданд, ки ин шакли маҷбурият «бегорӣ» номида мешуд. Ин барои аҳли меҳнат бори аз ҳама вазнин буд, зеро ба ҷуз дигар ногувориҳо ононро аз кори асосиашон мемононд.

Ба ин тариқа, истисмори оммаи халқ аз тарафи табақаи ҳоким умуман ба ҳадди ниҳоӣ расида буд. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқон чунин фактро, ки Темур ва баъзе Темуриён дар сиёсати молиётии худ ба меъёрҳои муайяншуда риоя мекарданд ва ҳатто гоҳо пеши роҳи суиистеъмоли соҳибмансабонро мегирифтанд, мунсифона ҳамчун амри мусбат донистаанд. Ин амр барои тараққиёти хоҷагии деҳқонон ба дараҷаи кофӣ шароити мусоид фароҳам наоварда бошад ҳам, ба ҳар ҳол онро аз харобии тамом нигоҳ дошт.

Бояд қайд кард, ки худи аҳолии шаҳру деҳот низ хеле фаъол буд ва хусусан дар мавридҳои суиистеъмол ва андозгириҳои ғайриқонунии маъмурони хироҷ ба муқобили ҳокимият дар шаклҳои мухталиф изҳори эътироз менамуданд. Баъзан оммаи деҳқонон ба вилоятҳои дигар кӯчида мерафтанд ва аз ин сабаб ҳукумат маҷбур мешуд, ки андозҳои аз меъёр зиёдаро бекор кунад. Дар сарчашмаҳо муқовимати ошкори оммаи халқ, ки дар вақти ҷангҳои байнихудии шаҳзодагони темурӣ аз андозҳои иловагии беохир хонахароб шуда буд, хотирнишон гардидааст. Масалан, вақте ки Султон Ҳусайн Хуросонро забт карда, ба девони муставфӣ ду амалдори навро таъйин намуд,

---

[30] Бартолд В. В., 1964, с. 132; Чехович О. Д., 1965, с. 303–304 ва диг.

онҳо ба сари аҳолӣ андозҳои иловагӣ бор карданд. Халқи Ҳирот бо чунон як қуввае эътироз намуд, ки ба Султон Ҳусайн лозим омад, ҳам ин андозҳоро бекор намояд ва ҳам он амалдорони худсарро аз вазифа дур созад.

Ҳодисаи бекор кардани андозҳо ба муҳлатҳои гуногун боз чанд бор ба вуқӯъ пайваст. Масалан, ба сабаби он ки аҳолии меҳнаткаш аз андозҳои зиёд ва хусусан аз худсарӣ ва суиистеъмоли маъмурони хироҷ ба ниҳояти қашшоқӣ расида буд, андози таъмини маоши аскарӣ чандин маротиба бекор карда шуд. Темуриён барои барқарор намудани қудрати молиётпардозии аҳолӣ ба гузашт ва маҳрумиятҳои муваққатӣ розӣ шуда, дар ин роҳ бо худсарии маъмурон низ мубориза мебурданд. Дар сарчашмаҳо на фақат ҳодисаҳои аз мансаб дур кардан, балки ҳатто қатл намудани ин қабил маъмурони худсар зикр ёфтааст.

Ба ин тартиб, молиёте, ки аз оммаи заҳматкаш ситонида мешуд, бори хеле вазнин ва миёншикане буд. Ин бори гарон баъзе вақтҳо, хусусан дар овони ҷангҳои байнихудӣ, ки боиси чандин мартаба ҷамъ кардани ҳамон як андозу молиёт ва ҷорӣ намудани андозҳои нав мегардиданд, боз ҳам афзунтар мешуд. Бар замми ин, суиистеъмоли маъмурони хироҷ, ки фоидаи худро дар назар дошта, андозҳоро аз меъёр зиёд ҷамъ мекарданд, як фалокати доимӣ ҳисоб меёфт. Бо вуҷуди ин, дар андозу молиёти асосӣ мавҷуд будани меъёри муайян ва кӯшишҳое, ки Темур ва баъзе Темуриён дар роҳи риоя намудани ин меъёр ва ба манфиати хазина пешгирӣ кардани худсариҳои маъмурон ба харҷ медоданд, умуман, вазъияти нисбатан мусоидеро фароҳам оварда буд.

Мумкин аст тахмин кард, ки то оғози асри XV захираи заминҳои милки деҳқонон хеле кам гардид. Дар аҳди муғулҳо маҳз ҳамин навъ хоҷагиҳои милкии ноустувор мебоист дар навбати аввал хароб мешуд. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар асри XV ба ҳар ҳол қисмати нисбатан имтиёзноки деҳқонон вуҷуд дошт. Ҳаҷми молиёти асосие, ки онҳо аз даромади солонаи замин ба давлат мепардохтанд, камтар буд. Аммо онҳо, албатта, аз додани дигар навъҳои андоз озод набуданд. Оммаи асосии деҳқононро, мисли пештара, иҷоранишинони саҳмкор ва барзгарони ҷамоатӣ ташкил мекарданд.

Агар мо барои аҳди муғулҳо аз хусуси мавҷудияти ҷамоати деҳқонон ё худ бақияҳои устувори он аз рӯйи далел ва қаринаҳои зеҳнӣ сухан ронда бошем, пас барои асри XV, ҳарчанд кам бошад ҳам, мадракҳои муайян мавҷуд аст. Е.А.Давидович аз рӯйи мадракҳои асри XVI муқаррар намуд, ки яке аз аломатҳои ғайримустақими мавҷудияти ҷамоатҳо ё худ бозмондаҳои яқини онҳо тақсимнашавандагии замини деҳот (қаряҳо) мебошад. Ҳангоми харидуфурӯш ва ё ба вақф бахшидан қитъаҳои ҷудогонаро аз минтақаи умумии замин ҷудо намекарданд (аз ин рӯ, на ин ки ҳудуди як қитъа, балки ҳудуди умумии тамоми минтақа тавсиф мешуд), ки амалан сухан дар бораи андози оидоти солонаи ҳамаи минтақаи замини деҳот мерафт.[31] Мисоли шабеҳи заминҳои тақсимнашавандаро мо метавонем барои асри XV низ пайдо намоем. Чунончи, бар тибқи вақфномаи соли 1470 қарияи Ҷоиз ба вақф дода шуда, вале аз ин бахшиш 1/24 таноб замини нотақсим ихроҷ гардида.[32] Мувофиқи вақфномаи даври Темур, «сеяки нотақсим»-и деҳаи Рифон ва «чоряки нотақсим»-и деҳаи Нитаи вилояти Самарқанд ба вақф бахшида шуда

[31] Давидович Е. А., 1961 а, с. 37.
[32] Чехович О.Д., 1965 а, с. 346.

буд. Дар айни замон, бархилофи ин, нимаи деҳаи тақсимшуда низ зикр гардида, ҳудуди ин нима ба таври ҷудогона тавсиф меёбад. Дар худи ҳамин вақфномаи даври Темур боз як навъи замин, ки ба зироати ҷамоатӣ марбут аст, зикр гардидааст. Ин токзорест, ки дар ихтиёри деҳа буда, замини «ҷамъияти муайян» номида мешуд.[33]

Мазмун ва моҳияти аниқи заминдории ҷамоатӣ дар ин марҳила ҳанӯз маълум нест. Фақат ҳамин равшан аст, ки ҳамаи аъзои ҷамоат нисбат ба замини он ҳуқуқи баробар доштанд ва, аз ин рӯ, ҳангоми харидуфурӯш, бахшиш ба вақф ва ғ. ягон қитъаи онро ҷудо кардан мумкин набуд. Ҳатто ба токзор ҳам ҳуқуқи умумӣ вуҷуд дошт. Албатта, шудгору кишт ва парвариши зироат ба таври ҷудогона сурат мегирифт, яъне ҳар як узви ҷамоат дар ин кор ҳиссаи худро мегузошт, вале дар байни аъзои ҷамоат бо ҳудуди муайяне ҷудо шудани қитъаи замин маълум нест. Бешубҳа, ин заминҳо ба ҷамоат «ба таври абадӣ» тааллуқ доштанд, ки ин амри воқеӣ имтиёзи деҳқони ҷамоатиро нисбат ба деҳқони иҷоранишин нишон медиҳад. Ин ҳам қобили қайд аст, ки деҳқони ҷамоатӣ, аз рӯйи мадракҳои мавҷуда, оидоти заминро на фақат ба давлат, балки ба соҳибони вақф ва шахсони ҷудогонаи заминдор низ мепардохтанд. Ба таври дигар гӯем, он вақт заминдории ҷамоатӣ ба категорияҳои гуногуни замин: заминҳои давлатӣ, вақф ва милкҳои феодалӣ дахл мекард. Бинобар он деҳқони ҷамоатиро фақат ба заминҳои давлатӣ алоқаманд кардан нодуруст аст.

Қисми зиёди деҳқононро иҷоранишинони саҳмкор ташкил медоданд. Дар вақфномаҳо таъкид шудааст, ки муҳлати иҷора набояд аз се сол гузарад. Зарурати иваз кардани замини иҷора боиси беш аз пеш афзудани фоидаи заминдорони иҷорагузор гардида буд.

### Категорияҳои моликияти феодалон ба замин. Суюрғол дар асри XV

Замин ва об аз рӯйи ҳуқуқи моликият ба ҳамон категорияҳое, ки собиқан вуҷуд доштанд, тақсим мешуд. Мо дар боло милкҳои деҳқононро хотиррасон намудем. Дар давоми асри XV захираи заминҳои вақф, хусусан назар ба давраи гузашта, афзунтар гардид. Темур ва Темуриён фаъолияти бинокориро хеле вусъат доданд. Бисёр шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Эрон бо иморатҳои зиёди гуногун: мадраса, масҷид, мақбара, хонақоҳ ва ғайра зеб ёфтанд. Ҳамаи ин иморатҳо аз ҳисоби амволи вақф сохта мешуданд. Чанд вақфномаи маҳфузмонда инро собит менамоянд. Дар бораи дигар бахшишҳои калон манбаъҳои хаттии нарратив маълумот медиҳанд.[34]

Амволи вақф дар ихтиёри мутаваллӣ буд. Аксар вақт вақфгузорон худро ва авлодашонро мутаваллӣ таъйин мекарданд. Муассисаи махсусе буд, ки идораи вақфро ба таври умумӣ назорат менамуд. Дар сари ин муассиса садр меистод. Дабирхонаи садр аз сарвати вақф молиёти махсусе мегирифт, ки аслан барои таъмини маоши кормандони муассисаи мазкур сарф карда мешуд. Амволи вақф аз чунин назорати садр ва молиёти ӯ фақат бо фармони махсуси подшоҳ

[33] Чехович О.Д., 1951 а, с. 62, 65-66.
[34] Миқдори зиёди ин қабил мадракҳоро Н. Маҳмудов (1966, с. 56–59) ҷамъ овардааст.

метавонист озод гардад. Воқеан ҳам садр ва маъмурони ӯ саъй мекарданд, ки аз оидоти вақф ҳиссаи бештаре ба даст оваранд. Дар ин замина муборизаҳои тундутезе ҳам ба вуқӯъ меомад. Ба сабаби суиистеъмоли аз ҳад берун баъзе аз садрҳоро аз вазифа дур мекарданд.

Дигар навъҳои андозу молиёт аз ҳамаи заминҳои вақф, ба истиснои онҳое, ки бо амри махсуси подшоҳ аз пардохт озод шуда буданд, ба фоидаи хазинаи давлат ситонида мешуд. Дар замони салтанати Темуриён, хусусан дар аҳди Темур, ин тариқа озодкуниҳо аз пардохти молиёт бисёр воқеъ мегардид.

Захираи заминҳои давлатӣ аз ҳама бештар буд. Аммо чун дар замони Темуриён расми ба тариқи инъом ва подош тақсим карда додани замин хеле вусъат ёфт, фақат як ҳиссаи андози оидот ба хазинаи ҳукумати марказӣ дохил мешуд. Суюрғоли асри XV ягона ва дар як шакли мустақим набуд. Дар ин давра ҳам мисли пештара навъҳои мухталифи подош вуҷуд дошт, ки акнун ҳамаи онҳоро суюрғол мегуфтанд. Яке аз шаклҳои хеле маъмули суюрғол милки хосаи аъзои хонадони салтанатӣ ба шумор мерафт. Онҳо дар шаҳру вилоятҳои бузурги ҳамчун инъом бадастовардаи худ амалан соҳибихтиёри комил буданд. Ин тариқа инъомро баъзан мансабдорони калон низ соҳиб мешуданд ва дар вилояту шаҳрҳо ба таври худ ҳукмфармоӣ мекарданд. Дар амал ҳамаи ин суюрғолҳо аксаран ҳусусияти меросӣ ҳам ба худ гирифта буданд. Аз ин рӯ, гоҳо онҳоро суюрғолҳои «абадӣ» меномаданд. Вале бояд қайд кард, ки ирсият як ҷузъи ҷудонашавандаи ин қабил суюрғолҳои бузург набуд. Вақте ки ин суюрғолҳоро ба мерос гузоштанӣ мешуданд, ҳукумати марказӣ онро бо санади ҷудогона ба расмият медаровард. Ҳамчунин маҳдудиятҳои дигаре низ мавҷуд буданд. Баъзан соҳиби суюрғол қисми даромади вилояти худро мебоист ба хазинаи ҳукумати марказӣ месупурд. Ҳукумати марказӣ дар баъзе мавридҳо масунияти казоӣ ва маъмурии соҳибони суюрғолро маҳдуд намуд, барои ҳаллу фасли муҳимтарин масоил маъмурони худро ба назди онҳо мефиристонид. Гоҳо ин суюрғолҳо тамоман кашида гирифта ва ё ҳаҷман кам карда мешуданд.

Дар айни замон чунин воқеъ мешуд, ки соҳибони суюрғол амалан ба ҳукмрони соҳибихтиёр табдил меёфтанд ва ҳукумати марказӣ аз муборизаи зидди онҳо оҷиз мегардид.

Ҳамин тариқа, ҳатто калонтарин суюрғолҳои асри XV аз ҷиҳати мазмун ва моҳияти худ якхела набуданд.

Дар баробари ин навъ суюрғолҳои калон суюрғолҳои хурд ҳам вуҷуд доштанд, ки ҳуқуқи соҳибонашон аз бисёр ҷиҳатҳо маҳдуд буд. Дар замони Темуриён ва хусусан дар аҳди худи Темур аксар вақт сипаҳсолорон, ҳатто саркардаҳои хурд ҳам, ки дар майдони ҷанг корнамоие нишон медоданд, ба гирифтани суюрғол мушарраф мегардиданд. Ин суюрғолҳо ҳаҷман хеле гуногун буда, метавонистанд аз вилояти калон то деҳаи хурде бошанд. Баъзан шахси рӯҳонӣ ҳам соҳиби суюрғол мешуд. Умуман, ҳамаи инъоми подошҳо, аз ҷумла, туҳфаи пурқимат ҳам бо истилоҳи «суюрғол» ифода меёфт.

Захираи заминҳои милк, ки ба феодалони ашрофӣ ва динӣ тааллуқ доштанд, хеле калон буд. Сарчашмаҳо номи як қатор ашхосеро зикр кардаанд, ки заминҳои онҳо масоҳати бузургеро фаро гирифта ва беш аз пеш вусъат

меёфтанд. Ба тариқи мисол амлоки Хоҷа Аҳрорро метавон ном бурд.[35] Ба ӯ 1300 қитъаи замин дар вилоятҳои мухталифи Осиёи Миёна тааллуқ доштанд. Албатта, ин қитъа на аз пораҳои хурди замин, балки аз минтақаҳои тамоме иборат буданд. Ушронае (яъне андози оидоти замин ба миқдори 0,1 ҳиссаи маҳсул), ки Хоҷа Аҳрор аз заминҳои дар як худи вилояти Самарқанд доштаи худ ба давлат мепардохт, баробари 80 ҳазор ман буд. Агар як манро 20 кг ҳисоб кунем, ин миқдор ба 1600 тонна ғалла баробар хоҳад шуд.[36] Аз ин чунин бармеояд, ки қисмати асосии оидоти ин заминҳо ба фоидаи Хоҷа Аҳрор аз рӯйи ҳисоби камтарин (агар қисмати асосии оидоти замин 0,3 ҳиссаи маҳсул дониста шавад) беш аз 0,2 ҳиссаи маҳсул, яъне 3200 тонна ғалла хоҳад шуд.

Вақте ки дафтардорони Хоҷа Аҳрор рӯзе барои ҳисобот додан гирд омаданд, аз гуфтаҳои онҳо маълум гардид, ки аксарашон 30-40 ҳазор ботманӣ ғалла ҷамъ кардаанд ва камтарин миқдори ғаллаи ҷамъоварикардаи онҳо ба 10 ҳазор ботман мерасад. Даромади пулие, ки онҳо аз боғу полизҳо ба даст овардаанд, аз ин ҳисоб берун аст. Дар ин ҷо равшан нест, ки кадом ботман ба назар дошта шудааст. Агар ботмани Самарқанд бошад, ки ҳар яке баробари 20 кг аст, пас маълум мешавад, ки ҳар як дафтардор аз 200 то 800 тонна ғалла ҷамъ оварда будааст.

Аз оидоти заминҳои милк фақат як ҳиссааш ба давлат тааллуқ дошт. Аммо дар асри XV аксари заминҳои милки феодалони ашрофӣ ва динӣ аз чунин уҳдадорӣ, яъне аз пардохти як ҳиссаи оидот ба хазинаи ҳукумати марказӣ озод карда шуд. Ин гуна озодшавиҳо ба василаи ярлиқи тархонӣ ба расмият медаромад. Феодалони калоне, ки ба мақоми тархон мерасиданд, боз ҳуқуқи иловагиро соҳиб мешуданд: онҳо ва авлодашон аз ҷазои нуҳ гуноҳ озод мегардиданд, онҳо бе ҳеҷ мамониат ба назди подшоҳ даромада метавонистанд. Вале касоне ҳам, ки умуман аз пардохти андозҳои давлат озод карда мешуданд, ба худ унвони «тархон»-ро мегирифтанд. Чунин унвон барои як муддати муайян ба сокинони тамоми як шаҳр ва вилоят низ дода мешуд.

Мо намедонем, ки дар асри XV протсесси пайдоиши моликияти комил ба замин бо чӣ суръате ба амал меомад, вале ҳаминаш маълум аст, ки ин ҳодиса дар ҳақиқат рӯй медод. Моликияти комил ба замин чунин маънӣ дошт, ки феодал тамоми оидоти заминҳои милки худро, бидуни он ки ягон ҳиссаашро ба давлат диҳад, худ соҳиб мешуд ва дар ин маврид вай на аз ҳуқуқи тархонӣ, балки аз ҳуқуқи молики комили замин истифода менамуд. Дар сарчашмаҳои хаттии замони баъдина ин категорияи замин бо номи «милки ҳурри холис» зикр ёфтааст. Роҳи асосии ташкил ва такмили ин категорияи замин дар байни соҳиби мулки хусусӣ ва давлат аз рӯйи ҳиссаи оидоти ба онҳо муқарраршуда тақсим намудани заминҳои милк буд. Чунончи, давлат аз заминҳои милк аз се ду ҳиссаи оидот ва шахси молик аз се як ҳиссаи онро соҳиб мешуд. Акнун пас аз ин тақсимот ҳам давлат аз се ду ҳиссаи заминро гирифт (ва ин қисмат ба категорияи заминҳои давлатӣ дохил шуд), соҳиби мулки хусусӣ бошад, аз се як ҳиссаи онро ба даст овард (ва ин қисмат моликияти комили ӯ гардид). Дар бораи чунин тариқаи тақсими каналҳо санади мансуб ба охири асри XV

---

[35] Набиев Р. Н., 1968, с. 35 ва мобаъд.

[36] Давидович Е. А., 1970, с. 90. Дигар муҳаққиқон як манро 8 пуд ҳисоб кардаанд, ки нодуруст аст.

мавҷуд аст,[37] ки дар он барои ифодаи мафҳуми нисбат ба канал моликияти комил пайдо кардани феодал истилоҳи «мутлақ» кор фармуда шудааст. Аз ин рӯ, моликияти комилро метавон моликияти мутлақ ҳам номид.

## Тиҷорат

Падидаи аз ҳама шоёни таваҷҷуҳи ҳаёти иқтисодии асри XV дараҷаи баланди тараққиёти касбу ҳунар ва тиҷорати пулии дохилӣ буд. Чӣ навъе ки аз таҳқиқи қиёсии мадракҳои сиккашиносии асрҳои IX–XVIII маълум гардид, маҳз дар асри XV, алалхусус, дар чоряки охири он ва чоряки аввали асри XVI муносибати молию пулӣ ба ҳадди ниҳоии тараққиёти худ расида буд. Маҳз дар ҳамин вақт ҳам ҳаҷми умумии истеҳсоли мол ва ҳам вазни хоси истеҳсоли молҳои сермасриф бағоят афзун гардид. Маҳз дар ҳамин вақт табақаҳои васеи ҷамъияти шаҳр ва қисман аҳолии деҳот ҳам (хусусан, деҳаҳои назди шаҳрҳои калон) ба муносибатҳои молию пулӣ кашида шуданд. Ҳеҷ вақт, на дар гузашта ва на дар давраҳои минбаъда, ҳатто то замони ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна истеҳсоли мол, тиҷорати пулӣ ва андозаи ба муносибати молию пулӣ кашида шудани табақаҳои васеи аҳолӣ ба дараҷаи онвақта нарасидааст.[38]

Тахассуси маҳдуд пайдо кардан дар соҳаи касбу ҳунар, ки афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва имконияти хеле вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли молро таъмин менамуд, бо ҳамин амри воқеӣ робитаи бевосита дорад.[39]

Тиҷорати пулӣ дар доираи истеъмоли умум ба василаи сиккаҳои мисӣ ба вуқӯъ мепайваст. Ислоҳоти пулие, ки Улуғбек дар соли 1428 ҷорӣ кард, аз ин ҷиҳат аҳамияти хеле калон дошт. Мақсади асосӣ аз ин ислоҳот барои савдои чаканаи молҳои сермасриф фароҳам овардани шароити мусоид буд, ки ба ин беш аз ҳама сокинони одии шаҳр ва аҳолии деҳот манфиатдор буданд.

Мазмун ва моҳияти ислоҳот аз қарори зайл иборат буд:[40] дар соли 1428 ҳамаи сиккаҳои мисии пастқурби пешина аз эътибор соқит карда шуд. Дорандагони ин пул метавонистанд, онро дар давоми як муддати муайян ба сиккаҳои нави нисбатан баландқурб иваз намоянд. Сиккаҳои нав аз соли 1428 сар карда якбора дар чандин шаҳрҳо: дар Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Шоҳрухия, Андиҷон, Қаршӣ ва Тирмиз зарб зада шуданд. Пас аз анҷоми муовизаи пул зарби сиккаҳои мисӣ фақат дар Бухоро ба амал омада, зарробхонаи дигар шаҳрҳо баста шуд. Бухоро дар зарфи чандин сол (то қатли Улуғбек ва пас аз он ҳам) сиккаҳои мисии якхела мебаровард, ки ҳатто санаи зарби онҳо тағйир намеёфт: дар ин сиккаҳо, сарфи назар аз соли зарби онҳо, ҳамеша ҳамон як санаи содир гардидани фармони ислоҳоти Улуғбек сабт меёфт. Ҳамин пулҳои Бухоро тиҷорати тамоми давлати осиёимиёнагии Темуриёнро бо як мизон таъмин менамуданд. Бо ин пул дар ҳамаи гӯшаву канори Осиёи Миёна мол харидан мумкин буд. Шакли ягонаи онҳо ҳар гуна мамониатро дар муомилот аз байн бурда, пеши роҳи суиистеъмол ва қаллобиро масдуд мекард. Чунин ташкили тиҷорати пулӣ барои феодализм ҳодисаи хеле кам воқеъшаванда ва ғайритипист. Ин ислоҳот ба талаботи

---

[37] Маҳмудов Н., 1966, с. 52-58
[38] Давидович Е. А., 1965, с. 83-91
[39] Беленитский А.М., 1940, с. 44.
[40] Давидович Е. А., 1965, с. 274-299.

объективии тиҷорати дохилӣ ниҳоятдараҷа мувофиқ афтода буд. Истеҳсоли фаровони молҳо барои истеъмолкунандаи одӣ ба низоми муайян даровардани гардиши маҳз сиккаҳои мисиро тақозо менамуд, ки ин кори муҳимро ислоҳоти Улуғбек анҷом дод. Ҷорӣ гардидани ин ислоҳот ва муваффақияти он, дар навбати худ, барои инкишофи минбаъдаи тиҷорати доираи гардиши молҳои сермасриф шароити мусоид муҳайё сохт.

Қобили қайд аст, ки баъдҳо, хусусан дар даҳсолаи охири асри XV гардиши умумидавлатии сиккаҳои мисӣ тамоман вайрон гардид. Соҳибони мулкҳо ҳар яке ба таври худ сиккаҳои худро бароварда, ба мақсади ҳар чӣ бештар фоида ситонидан ба ҳар гуна найрангу қаллобӣ роҳ кушоданд. Алалхусус, ҳокими Ҳисор – Хусравшоҳ бо сиккаҳои мисӣ хеле густохона амал мекард. Дар натиҷа буҳрони гардиши пул сар зада, ӯро маҷбур намуд, ки дар соли 1501 ислоҳот гузаронад. Дар асоси ин ислоҳот вилояти Ҳисор ба ҷойи сиккаҳои мухталиф ва беэътиборшуда сиккаҳои якхела дарёфт намуд. Хусравшоҳ ба тағйир додани гардиши ин пули нав дигар ҷуръат намекард. Зарробхонаи шаҳрҳои хурд баста шуд. Акнун сиккаҳои мисӣ фақат дар Ҳисор, Тирмиз ва Қундуз бароварда мешуд, ки маҳсули зарробхонаи ин се шаҳр дар тамоми мулк як хел гардиш мекард. Барои қулай ва осонтар намудани тиҷорат сиккаҳоро ба се арзиш – якдинора (он вақтҳо сиккаи мисиро динор мегуфтанд), дудинора ва тангаи майда зарб мезаданд.[41]

Дар асри XV тиҷорати байналхалқӣ низ бисёр равнақ пайдо намуд. Темур ва Темуриён барои ривоҷ ва вусъати робитаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои гуногун хеле саъю кӯшиш мекарданд. Чунонки зикр гардид, Темур ҳатто ба подшоҳони Франсия ва Англия нома навишта, онҳоро даъват намуд, ки тоҷиронро мутақобилан аз ҳар ҷиҳат пуштибонӣ кунанд. Дар сарчашмаҳои он замон роҷеъ ба сафорати ҳайати намояндагӣ ба кишварҳои гуногун хабарҳои хеле зиёд дарҷ ёфтааст. Ба Ҳирот – пойтахти Темуриён низ аз ҳар гӯшаву канор сафирҳо меомаданд. Дар бозорҳои Осиёи Миёна ва Хуросон молҳои гуногуни хориҷиро харидан мумкин буд. Дар навбати худ бисёр молҳои маҳаллӣ ба хориҷа содир мегардид. Тиҷорати байналхалқӣ яке аз ангезаҳои инкишофи баъзе намудҳои касбу ҳунар ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли онҳо ба шумор мерафт ва ҳамчунин ба ривоҷи тиҷорати дохилӣ низ таъсири мусбат мерасонид.

## Шаҳр ва касбу ҳунар

Маҳз дар асри XV ва ибтидои асри XVI ба болотарин ҳадди тараққиёти худ расидани муносибатҳои моливу пулӣ як ҳодисаи ҷудогона ва мунфарид набуд. Вай ҳамон мавқеи дар ҳаёти шаҳрҳои онвақтаи Осиёи Миёна ишғолкардаи ин муддатро аён намуда, аз пешрафтҳои он давра гувоҳӣ медиҳад. Барои ҳаматарафа таҳқиқ кардани он чи ки шаҳри асри XV аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ арзи андом менамуд, мутаассифона, мадракҳои кофӣ ҳанӯз ҷамъ нагардидаанд. Мо дар дасти худ фақат миқдори каме аз тадқиқотеро дорем, ки ба масъалаҳои алоҳида бахшида шудаанд. Аммо ҳамин мадракҳои ноқис ва мушоҳидаҳои ҷудогона ҳам имкон медиҳанд чунин хулоса барорем, ки тамоми мухолифатҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии шаҳр ҳамчун як

[41] Давидович Е. А., 1965 б, с. 44–48

ҳалқаи зиддифеодалӣ, дар силсилаи сохти феодалӣ ҳамоно дар асрҳои XV–XVI ниҳоятдараҷа тундутез гардида буданд.

Аз як ҷиҳат, фаъолшавии табақаҳои миёна ва поёни шаҳр ба назар мерасад. Муҳаққиқон хотирнишон кардаанд, ки шаклҳои истисмори дар аҳди муғулҳо маъмулгардидаи аҳли касбу ҳунар, ки то ҳолати мамлукӣ ва ғуломӣ расида буданд, дар асри XV комилан аз байн нарафта бошад ҳам, вале аҳамияти худро торафт аз даст медод. Акнун симои асосии пешаварӣ косиби озод ва шакли асосии ташкилоти пешаварон коргоҳи умумии косибон мегардад. А.М.Беленитский дуруст қайд кардааст, ки коргоҳҳои умумии косибон дар асри XV устувор гардида, аҳамияти онҳо хеле боло рафт. Яке аз аломатҳои зоҳирии аҳамияти ин коргоҳҳо дар ҳаёти шаҳр иштироки муташаккилонаи онҳо дар ҷашнҳоест, ки Темур ва Темуриён барпо мекарданд. Ҳар як коргоҳи косибон дар ин ҷашнҳо ба сари худ ширкат менамуд.[42]

Тадқиқи идеологияи ин давра, ки дар адабиёти бадеӣ ва, умуман, дар ҳаёти маданӣ акс ёфтааст, материали боз ҳам дақиқтар ва боварибахштар медиҳад. А.Н.Болдирев далелу санадҳои фаровонеро аз назари таҳқиқ гузаронида, ба таври қонеъкунанда нишон дод, ки нимаи дувуми асри XV (алалхусус, охири асри XV ва аввали асри XVI) бо вусъат пайдо кардани базаи иҷтимоии ҳаёти маданӣ ва эҷоди бадеӣ тавсиф меёбад. Табақаи миёнаи аҳолии шаҳр – пешаварон ва бозаргонон, амалдорон ва рӯҳониёни миёнаҳол истеъмолкунанда ва офарандаи сарватҳои маданӣ мегарданд. Дар тазкираҳои он замон, аз ҷумла дар ёддоштҳои Восифӣ бисёр шоирони аз байни косибон, бозаргонон ва амалдорони хурд баромада зикр ёфтаанд. Албатта, як қисмати хеле ками онҳо шоири касбӣ буданд. Аксарашон нисбат ба адабиёт ва шеъру шоирӣ дилбастагӣ дошта, истеъдод ва соатҳои фароғати худро ба шеърхонӣ ва шеъргӯӣ мебахшиданд. Акнун шоирон, навозандагон ва базлагӯён на фақат дар боргоҳи аъёну ашроф ҷамъ меомаданд, балки дар дӯконҳои саҳҳофӣ ва китобфурӯшӣ, дар коргоҳи косибон ва дар майдону бозорҳо низ баҳсу мунозираҳои адабӣ, маҷлиси шеърхонӣ ва мушоираҳо барпо мекарданд. Ин қабил маҳфилҳои адабӣ ва ҳунарӣ дар Ҳирот, Самарқанд ва бисёр шаҳрҳои дигари давлати Темуриён ба вуҷуд омада буданд.

Боз муҳимтар ин аст, ки идеологияи шаҳр, ақида ва мафкураи табақаҳои миёнаи шаҳрнишинон дар худи адабиёти бадеӣ низ инъикос меёфт. Ҳатто махсус «назми доираи ҳунармандон» ба вуҷуд омада буд, ки мундариҷаи асосии онро зисту зиндагии косибон ташкил мекард ва дар ин қабил шеърҳо луғату истилоҳоти касбу ҳунар ба таври фаровон истифода мешуд. Идеологияи шаҳр, ҷаҳонбинии нисбат ба феодализм мухолифи он дар осори барҷастатарин намояндагони равияи пешқадами адабиёти асрҳои XV–XVI инъикоси худро пайдо намудааст.[43]

Аз ҷиҳати дигар, шаҳри асрҳои XV–XVI ба ҳамон ҳолати феодалии худ боқӣ монда, дар он шаклҳои соф феодалии истисмори аҳли меҳнат беш аз пеш давом мекард. Ин ҷанбаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳр дар асоси мадракҳои асри XV хубтар тадқиқ шудааст,[44] вале мадракҳои маълуми асри XV низ ба он шабоҳати комил дорад, аз ин рӯ, ба ин ду аср метавон як тавсифи умумӣ дод. Мо

---

[42] Беленитский А. М., 1940 а, с. 189 ва мобаъд.
[43] Болдирев А. Н., 1957, с. 253 ва мобаъд.
[44] Иванов П. П., 1954, с. 42–43; Давидович Е. А., 1961 а, с. 40–42.

дар шаҳр низ мисли деҳот ҳамон категорияҳои моликияти заминро дучор меорем. Қисмати асосии замин дар ихтиёри давлат ва ё феодалони ашрофию динӣ (ҳамчунин аҳли хонадони салтанатӣ) буд. Аммо ба истеҳсолкунандаи бевосита фақат як қисмати ночизи он тааллуқ дошт. Аз ин чунин бармеояд, ки дар шаҳр истеҳсолкунандаи бевосита, агар дӯкон, коргоҳ ва ё манзили ӯ на дар замини худаш, балки дар замини давлат, вақф ва ё милки феодал воқеъ гардида бошад, ҳатман дар ягон шакле ҳаққи иҷораи заминро мепардохт. Аз ин лиҳоз дар байни сокини шаҳр ва деҳқон тафовуте мавҷуд набуд.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, на фақат замин, балки бисёр муассисаҳои тиҷоратӣ ҳам ба феодалон тааллуқ дошт. Протсесси якҷоякунии муассисаҳои ҳунармандию тиҷоратӣ ва ҳатто биноҳои иқоматӣ хеле босуръат давом мекард. Аз ин чунин бармеояд, ки косибон ва дӯкондорони камбизоат на фақат заминро, балки ҳатто коргоҳ, дӯкон ва манзилро ҳам ба иҷора мегирифтанд, ки ин боиси боз ҳам бештар ба феодал тобеъ шудани онҳо мегардид. Ин тобеият боз аз он сабаб ҳам гаронтар менамуд, ки дар шаҳр ба як даст ҷамъ омадани замин ва биноҳо ба ҳар ранг сурат мегирифт. Масалан, истеҳсолкунандаи бевосита метавонист дӯкони вақферо иҷора гирад, ки дар замини милке воқеъ шудааст, ё баръакс.

Дигар шаклҳои соф феодалии истисмор низ ҳанӯз мавҷудияти худро нигоҳ медоштанд. Муҳит ва ҳайати косибон якранг набуд. Ба ҷуз косибони озод гурӯҳе ҳам вуҷуд дошт, ки дар дараҷаҳои гуногуни тобеиятӣ «ғайрииқтисодӣ» қарор гирифта буд. Қисми пешаварони аз кишварҳои дигар оваронидаи Темур амалан дар вазъияти ғуломӣ умр ба сар мебурданд. Мадракҳое, ки шаклҳои тобеияти баъзе гурӯҳҳои аслиҳасозонро аён месозанд, боз ҳам муҳимтаранд. Бар тибқи як фармон, гурӯҳи ин қабил косибон ба ихтиёри сардори қӯрхона дода шуд ва ӯ мебоист ба кори он назорат мекард. Маъмурони давлат ҳақ надоштанд, ба кори ӯ мудохила кунанд ва аз ин косибон андоз бигиранд. Шакли дигари тобеият ба баъзе гурӯҳҳои косибоне дахл мекард, ки хидмати дарборро дар зимма доштанд. Ин косибон дар коргоҳи умумӣ ҷамъ омада, таҳти роҳбарии халифа кор мекарданд. Халифа, ки аз тарафи ҳукумат таъйин мешуд, корро ташкил мекард ва ба сифати он назорат менамуд. Маҳсулоти ин коргоҳ на ба бозор, балки бевосита ба идораи давлат мерафт. Қайд кардан муҳим аст, ки халифаҳои ҳатто ҳамон коргоҳҳои озодро, ки барои бозор кор мекарданд, худи косибон интихоб накарда, балки ҳукумат таъйин менамуд.[45]

Боз як аломати асосӣ ин аст, ки аҳолии шаҳр ба давлат баъзе аз он андозҳоеро, ки аз аҳолии деҳот ситонида мешуд (аз қабили андози сарона ё дудпулӣ), мепардохтанд. Онҳо ҳатто аз корҳои иҷборӣ ҳам озод набуданд.

Илова бар ин, албатта, андозҳои бевоситаи тиҷорат ва касбу ҳунар вуҷуд доштанд. Дар асри XV чунин андози асосии аз муғулҳо меросмонда «тамға» номида мешуд. Аз рӯйи баъзе далелҳои ғайримустақим, ҳаҷми тамға хеле калон буд. Вале дар ин ҷо аз ҳама диққатангез он аст, ки феодалон мухолифи ин навъ андоз буданд. Аз ҷумла, феодалони динӣ, бо баҳонаи ин ки тамға андози ғайришаръист, ба муқобили он бо қатъият мубориза мебурданд. Аммо дар асл ин аксуламали феодалон сабабҳои иқтисодӣ дошт – ин навъ андоз бархилофи манфиати синфии онҳо буд. Ба феодалон фақат тарзҳои соф

[45] Беленитский А. М., 1940, с. 45–46.

феодалии истисмори шаҳр, касбу ҳунар ва тиҷорат, ки аз онҳо даромади зиёде ба даст меоварданд, мувофиқат мекард, аммо дигар шаклҳои истисморе, ки ба онҳо зиён мерасонид, ба ҳеҷ ваҷҳ муносиб намеафтод.

Дар шаҳрҳои Осиёи Миёна худидоракунии ҳақиқӣ набуд. Шаҳрро қоиммақоме, ки аз тарафи ҳукумати марказӣ ва ё ҳокими вилояти калон таъйин карда мешуд, идора мекард. Шаҳрҳо ҳамеша василаи инъому подошҳои феодалӣ ба шумор мерафтанд.

Ба ин тариқа, мухолифати асосии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳо, ки алалхусус, дар чоряки охири асри XV ва чоряки аввали асри XVI шиддат пайдо намуд, аз қарори зайл иборат буд. Аз як тараф, тараққиёти прогрессивии шаҳрҳо, афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар риштаи касбу ҳунар, вусъати беназири тавлиди коло, вазни хоси баланди истеҳсоли молҳои мавриди масрафи умум, ба муносибати молӣ ва пулӣ кашида шудани аксари аҳолии шаҳр ва қисман деҳот, фаъолтар гардидани табақаи миёнаи шаҳр ва дар заминаи ин ҳама ҳодисоти муҳим ба зуҳур омадани падидаҳои навин дар соҳаи маданият. Аз тарафи дигар, омилҳои ба тараққиёти шаҳрҳо мамониаткунанда, аз қабили истисмори хеле сахти аҳолии меҳнаткаши шаҳр ва боло рафтани шаклҳои феодалии истисмор; ба дасти ҳамон як феодал даромадани моликияти ҳам қишлоқ ва ҳам шаҳр; ба ихтиёри ҳамон як феодали ашрофӣ ё динӣ–молики заминҳои шаҳру деҳот гузаштани биноҳои тиҷоратию пешаварӣ, яъне (бо андак истисно) ба ҳам омехтани табақаи болои тоҷирону судхӯрони шаҳр ва ашрофи заминдор; шаклҳои феодалии идораи шаҳр.

Ҳамаи ин ҷиҳатҳо тадқиқи амиқи дақиқтару таърихиро талаб менамоянд. Муаррихон ба таҳқиқи шаҳрҳои Осиёи Миёна ва масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо, назар ба муносибатҳои аграрӣ, диққати хеле кам мабзул медоранд. Асарҳое, ки ба масъалаҳои ҷудогонаи ҳаёти шаҳр бахшида шуда бошанд, дар фосилаи солҳои зиёд ва ҳатто даҳсолаҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳол он ки ин, қабл аз ҳама, аз нуқтаи назари омӯзиши ҷиҳатҳои ба худ хоси феодализми Осиёи Миёна, сабаб ва моҳияти хусусияти заволи он аз масъалаҳои хеле муҳим ҳисоб меёбад.

## 3. МАДАНИЯТ

### Бинокорӣ ва меъморӣ

Аз асри XV ба замони мо миқдори зиёди ёдгориҳои муҳташами меъморӣ боқӣ мондааст, вале ин фақат як қисмати камест аз он чи ки дар он даврони таърих ба вуҷуд омада буд. Темур ва Темуриён сохтмони биноҳоро беш аз пеш вусъат медоданд ва феодалони сарватманд дар ин кор ба онҳо тақлид ва пайравӣ менамуданд. Хусусан дар ду пойтахти давлати темурӣ – Самарқанд ва Ҳирот бинокорӣ ба авҷи худ расида буд. Аммо бисёр шаҳрҳои дигар ҳам дар давоми асри XV бо иморатҳои зебову муҷаллал ороста гардиданд.[46]

[46] Доир ба санъати меъмории давраи Темуриён тадқиқот ва нашрияҳои зиёде мавҷуданд, ки мо аз ин ҷумла асарҳои умумӣ ва ҷамъбастии зеринро қайд мекунем: Булатов М. С., 1969; Денике Б. П., 1939; Засипкин Б. Н., 1928; 1948; 1961; «Таърихи Самарқанд», ҷилди I, 1969; Массон М.

Аз қасрҳои сершумори онвақтаи Осиёи Миёна танҳо як қисми пештоқи Оқсарои Шаҳрисабз, ки бо амри Темур бино ёфта буд, маҳфуз мондааст.[47] Бо вуҷуди ин, аз таърифу тавсифи пурваҷди ҳамзамонон ва тасвири муфассали онҳо дар бораи истеъдод ва маҳорати меъморон, ороишгарон ва боғбонони гулдаст тасаввуроти комил ҳосил мегардад. Темур, авлоди ӯ ва дарбориёнаш бо майлу ҳаваси тамом боғҳои қасрдори берунишаҳрӣ месохтанд. Ин боғҳо бо растаҳои сабзу гулгаштҳои хуррам ба қитъаҳои мутаносиб тақсим гардида, дар онҳо гулу буттаҳо ва дарахтони сара бо завқу салиқаи баланд шинонда мешуданд, ҳавзу истахрҳои пуроб ва ҷӯйҳои шилдирросии бо буттагулҳо пӯшидашуда ҳавои боғро серун ва форам мекарданд ва ин манзараи фараҳбахш саҳнаи сайргоҳи дилфиреберо ба назар ҷилвагар месохт; дар даруntари боғ кӯшки бошукӯҳе бино гардида, бо тамоми василаҳои зинатии замон зебу оро меёфт.[48]



**Мақбараи Гӯри Мир. Соли 1404. Самарқанд**

Дар бораи осори меъмории гражданӣ ҳам асосан ба воситаи сарчашмаҳои хаттӣ метавон огоҳ шуд. Он вақтҳо сохтмони ин навъ биноҳо ба миқёси васеъ анҷом меёфт. Масалан, дар Самарқанд, чунонки зикр гардид, бо фармоиши Темур яке аз хиёбонҳо ба бозорҷои умрону обод табдил дода шуд. Клавихо ҳатто аз дидани сохтмони нотамоми ин бозори хиёбонии тоқу равоқдор ва

Е., 1948; 1950 в; 1957 а; Пугаченкова Г. А., 1951; 1957; 1958 6; 1965; 1968; Пугаченкова Г. А., Ремпел Л. И., 1958; Ремпел Л. И., 1961. Оид ба сарзамини Тоҷикистон, аз ҷумла, ниг.: Веймарн Б. В., 1947.

[47] Массон М. Е., Пугаченкова Г. А., 1953.

[48] Пугаченкова Г. А., 1951.

панҷаракоришуда ба ваҷд омада, онро хеле таърифу тавсиф намудааст. Шоҳрух ҳам дар Ҳирот ҳамин гуна як бозоре сохт. Дар ду тарафи хиёбони чорсӯ, ки ин бозор воқеъ гардида буд, биноҳои дутабақаи дӯконҳо сохта шуда, болои хиёбонро саросар гунбазҳои панҷаранок пӯшонида буданд, дар маҳалли якдигарро бурида гузаштани ду хиёбони сарпӯшида бинои гунбазноки Чорсӯ сохта шуда буд, ки вай низ дӯконҳо дошт.[49]

Мадраса, масҷид ва мақбараҳои то замони мо расидаи он давра дар бораи комёбиҳои муҳандисӣ, лоиҳакашию биносозӣ ва ороишгарии меъморони асри XV тасаввуроти пурра ба вуҷуд меоваранд. Аввалҳо баъзе корҳои марбут ба такмили усули куҳнаи сохтани бомҳои гунбазнок, вале баъдтар татбиқи васеи усули нав аз муҳимтарин муваффақиятҳои бинокорони онвақта ба шумор мерафт. Асли моҳияти усули нав аз ин иборат буд, ки акнун гунбаз на бар деворҳои бино, балки ба равоқ ва дигар қисмҳои бино устувор карда мешуд, ки ин ба хеле кам шудани қутри гунбаз имкон медод. Ин чунин маънӣ дошт, ки биноҳои калону васеъро ҳам гунбазпӯш кардан мумкин буд. Аз рӯйи ин усули нави гунбазсозӣ дар биноҳои на фақат мураббаъ, балки дарозрӯя ҳам имкони гунбаз ниҳодан фароҳам меомад.

Дар ороишоти ёдгориҳои меъмории он давр майлҳои ҳашаматхоҳӣ ва таҷаммулписандӣ тазоҳуроти равшани худро пайдо намудаанд. Василаҳои ороишгарӣ хеле гуногун ва мукаммал буданд. Дар ин бобат низ комёбиҳои пешинзамон ва бозёфтҳои тоза ба ҳам омехта, мавриди истифода қарор мегирифтанд. Дар асри XV хотамкории маҷмӯии хеле гарон ва заҳматталаб, ки он вақтҳо ба дараҷаи беназири такомули худ расида буд, ба таври васеъ ба кор бурда мешуд. Тасвирҳои нафиси наботӣ ва ҳандасӣ, интихоби рангҳои асил (аксаран гаммаи рангҳои кабуду сафеду нилобӣ), тарҳи аҷиби луоби нилгун, ки дар замини ялтаросии он тахайюлоти беинтиҳои мусаввир нақшҳои зебое меофарад, аз хусусиятҳои барҷастаи хотамкории он замон ба шумор меравад. Барои ороиши деворҳои дарунӣ усули кундал, ки аз омезиши андудаи тилло бо ягон хел ранг (бештар ранги кабуд) иборат аст, истифода мешуд. Таносуби зарандуд ва ранг гуногун буд: баъзан заминашро зарандуд намуда, бар он шаклҳои барҷастаи рангӣ мекашиданд ва ё, баръакс, ба заминаш ранг молида, дар рӯйи он шаклҳои барҷастаи тиллоӣ месохтанд. Дар ҳар ҳолат нақшу нигори аҷиб ва ҷолибе ба вуҷуд меомад ва бесабаб нест, ки мутахассисон ин навъи ороишро ба парчаи зардӯзӣ монанд кардаанд.

Дар ороиши бино мармари суфта ё бо катибаву тасвири кандакорӣ ва ё бо нақшҳои нафиси тиллоӣ зинатдодашуда ба таври васеъ истифода бурда мешуд.

Дар ин асар тамоми усул ва василаҳои ороиши ин асрро тасвир ва тавсиф кардан аз имкон берун аст. Фақат бояд хотирнишон намуд, ки андешаву хаёлоти ороишгарӣ бетағйир намемонданд. Барои охири асри XIV ва ибтидои асри XV майли бо нақшу нигор тамоман фаро гирифтани деворҳо хос аст. Баъдҳо усули чидани хиштро бештар ва ба таври васеъ истифода намуда, дар заминаи он аз хиштҳои сирдор катиба ва нақшҳои одӣ месохтагӣ мешаванд.[50]

Майли таҷаммул ва ҳашаматписандиро дар бинокорӣ ва меъмории он замон, беш аз ҳама, масҷиди Бибихонум, ки солҳои 1399–1404 дар Самарқанд сохта шудааст, дар худ муҷассам менамояд. Як вақтҳо дарвозаи калони тоқдори он ба ҳавлии васее кушода мешуд, ки гирдогирди онро қатори долону айвонҳо иҳота

---

[49] Беленитский А. М., 1946, с. 181-183.

[50] Ин тарзи ороиш аз тарафи Б. П. Денике (1939) ва Л. И. Ремпел (1963) муфассалан тавсиф ёфтааст.

карда, гунбазҳои онҳо болои 400 сутуни мармарӣ устувор буданд. Дар пешгоҳи саҳни ҳавлӣ бинои асосии масҷид: равоқ ва як хонаи барҳавои гунбазӣ воқеъ гардида, бар болои он боз як гунбази пурнақшу нигори баланде сохта шуда буд. Ҳоло аз ин масҷид фақат як харобае боқӣ монда бошад ҳам, вай аз шукӯҳ ва азамати пешинаи он ба хубӣ шаҳодат медиҳад.[51]

Мақбараҳои асри XV аз назаргоҳи меъморӣ гуногуннавъ ва басо диққатангезанд. Мақбараи начандон калон, вале аз ҷиҳати ороиш хеле зебои Шоҳизинда (Ширинбегака ва Туманака),[52] мақбараҳои Рухобод, Қутби Чаҳордаҳум,[53] ниҳоят, Гӯри Мир аз муҳимтарин ёдгориҳои давраи темурӣ ба шумор меравaнд. Аз ин миён Гӯри Мир (1403–1404), ки Темур ва авлоди ӯ дафн шудаанд, хеле ҷолиб аст.[54] Сохт ва тарҳи он бисёр одист. Танаи ҳаштгӯша, устувонаи мавзун ва гунбади чиндори бо хиштчаҳои нилобиранг рӯкашшуда асоси ин мақбараи машҳурро ташкил намудааст. Ороишоти даруни толори чаҳоргӯшаи тоқчаноки он бо салобати мутантани худ касро дар ҳайрат мегузорад. Санги мармар, ақиқи сабзранг ва оби тилло бо андаке хиратобии умумии рангҳо фақат эҳсоси оромии сукунат ва дурӣ аз дунёи равшанро тақвият менамоянд.

Яке аз беҳтарин ёдгориҳои Улуғбек мадрасаи ӯст, ки дар регистони Самарқанд воқеъ гардидааст.[55] Дар чор тарафи ҳавлии даруни чорравоқа қатори манзилҳои дуошёна, дар гӯшаҳои он чор манораи мавзун ва дар даромадгоҳи асосӣ пештоқи боҳашамате сохта шуда буд. Ҳоло чор гунбази болои дарсхона, як манора ва ошёнаи дувуми манзилҳои ин мадраса вуҷуд надоранд. Аммо бо он чи ки акнун ин ёдгории куҳан арзи андом мекунад, боз ҳам дар пеши назари бинанда як асари олии ҳунари меъмориро муҷассам сохта, бо тарҳи зебо, шаклҳои мутаносиб ва нақшу нигори гуногуну дилнишин, вале бисёр босалобати худ таассуроти фаромӯшношуданӣ ба вуҷуд меоварад.

Дар асри XV боз як навъи мақбара маъмул мегардад, ки ба тарзи иншооти мураккаби чандхонагӣ сохта мешуд. Яке аз ҳамин қабил мақбараҳо Ишратхонаи наздикии Самарқанд мебошад. Толори маркази равоқчадори он андаке тарҳи салибмонанде дорад. Аз ду тарафи ин толор мутаносибан биноҳои дигар: аз як тараф, масҷид, ва аз тарафи дигар, миёнсарои сехонагӣ воқеъ гардидаанд. Маҷмӯи иморати мақбара бо хоначаҳои дуошёнаи идорӣ ба худ шакли тамом гирифта, дар ин асари меъморӣ усули нави қуббасозӣ намунаи барҷастаи татбиқи худро пайдо намудааст. Техникаи нави нигориши кундал ҳам дар ин бино хеле пурра ва моҳирона истифода шудааст. Ба зебу зинати ниҳоятдараҷа фаровони андарун нақшу нигори хеле содаи қисмати беруни бино муқобил воқеъ гардидааст. Маҳз қисмати беруни бино барои беҳтар дарк намудани тамоми ин ёдгории меъморӣ кумак мерасонад, зеро ҳангоми аз назар гузаронидани он диққати кас на ба ҷузъиёт, балки ба ҳалли умумии композитсионӣ кашида мешавад ва ба ин восита то чӣ андоза сабук ва муназзам будани сохтмони ин иморати муҳташам аёнтар мегардад.[56]

---

[51] Роҷеъ ба масҷиди Бибихонум ниг: Массон М. Е., 1929: Ратия Ш. Е., 1950; Пугаченкова Г. А., 1953.
[52] Булатова В. А., 1965; Немтсева Н. Б. ва Шваб Ю., 1968
[53] Пугаченкова Г. А., 1962.
[54] Массон М. Е., 1929 а; Масҷиди Гӯри Мир, 1905; Пелтнев И. Е., 1968; Семенов А. А., 1948, 1949; Шишкин В. А., 1946.
[55] Веймарн Б., 1946; Массон М. Е., 1929 б, 1950 в.
[56] Массон М Е., Пугаченкова Г. А. ва диг, 1958



Масҷиди Бибихонум. Солҳои 1399–1404. Самарқанд



Шоҳи Зинда. Самарқанд

Бинои расадхонаи Улуғбек, ки дар доманаи баландии Чӯпонатои Самарқанд сохта шудааст, аз нодиртарин ёдгориҳо ба шумор меравад.[57] Аз ин бино фақат як теппача ва тӯдаи партовҳои сохтмон боқӣ мондаасту бас. Аммо бо кӯшиши бостоншиносон тарҳи табақаи поини таҳкурсии иморат маълум шуд. Муқаррар гардид, ки бино мудаввар буда, 30 метр баландӣ доштааст ва тавассути чӯбҳои кандакорӣ, сафолҳои сирдори нақшин ва сангҳои мармар ороиш ёфтааст. Ғайр аз ин, аз сарчашмаҳои хаттӣ маълум мешавад, ки расадхона се ошёна доштааст. Бақияҳои олоти асосии расадхона – асбоби дуқӯшаи зовиясанҷ, ки барои мушоҳидаи Офтоб, Моҳ ва зимнан, дигар сайёраҳо кор фармуда мешуд, маҳфуз мондааст. Як нӯги асбоби зовиясанҷ дар чуқурии 11 метр даруни хандақи дар шах кандашуда ва нӯги дигари азбайнрафтаи он тахминан дар баландии 30 метр воқеъ гардида будааст. Ин асбоб ба шакли ду қавси мувозӣ сохта шуда, ба шашяки доираи радиусаш беш аз 40 метр баробар меомад. Қавсҳо самти дақиқи ба меридиан мутобиқ доштанд. Онҳо бо тахтаҳои мармари сайқалёфта рӯкаш гардида буданд. Нури офтоб аз ду равзанаи хурд ба дарун роҳ ёфта, бар ду қавси зовиясанҷ, ки дар рӯйи онҳо нишонаҳои дараҷа, дақиқа ва сония сабт шуда буданд, нақши худро мегузошт.[58]



**Деги бириҷии масҷиди Хӯҷа Аҳмади Ясавӣ. ш.Туркистон**

[57] Доир ба ёдгориҳои Чӯпонато ниг.: Ғуломов Я. Ғ., 1948.
[58] Роҷеъ ба ҳафриёти расадхона ниг.; Вяткин В. Л., 1962; Массон М.Е., 1941 Шишкин В А., 1953, 1965; Ғуломов Я.Ғ. ва Буряков Ю.Ф., 1968. Таҷдиди бинои азбайнрафтаи расадхона мавриди баҳсу мунозира қарор гирифтааст, ниг.: Нилсен В. А., 1953; Пугаченкова Г. А., 1969.



Косаи сафолии Аҳди Темуриён. Осиёи Миёна



Мақбараи Шодимулкака. Гунбаз. Шоҳи Зинда. Самарқанд

Аз бинокориҳои Ҳироти асри XV хусусан маҷмӯи иморати Мусалло, ки аз масҷид, мадраса ва мақбара иборат аст, шоёни таваҷҷуҳ мебошад. Ҳоло аз ин ёдгории меъморӣ қисмати хеле каме боқӣ мондааст. Манораҳои сеҷузъаи бисёр мавзун ва мақбараи хеле ҷолиби Гавҳаршод, ки яке аз гӯшаҳои мадрасаро ишғол намуда, қисми таркибии он ба шумор мерафт, аз ҳашамат ва азамати он гувоҳӣ медиҳанд.[59]

## Санъати наққошӣ ва миниётур

Чунонки манбаъҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, иморатҳои бошукӯҳ, алалхусус, қасрҳои Темур ва Темуриён аксаран бо тасвирҳои тамоми рӯйи деворҳо зинат меёфтанд. Сюжети онҳоро манзараҳои ҷангу муҳосираи шаҳрҳо, базму зиёфат, русуми пазироӣ ва саҳнаҳои муқаррарии зиндагӣ ташкил менамуданд. Чунин василаи ороишро, махсусан, Темур ташвиқ мекард. Дар рӯйи девори қасрҳои сарсилсилаи темурӣ тамоми қиссаҳои базму разми ӯ тасвири худро пайдо карда буданд.



Расми Темур. Мусаввараи асри XV (Эҳтимол, нусхае аз мусавварaи пешина бошад)

[59] Пугаченкова Г. А., 1963, с. 147–157

Аз рӯйи гувоҳии муосирон, суратҳои худи Темур, фарзандону наберагон ва дарбориёни ӯ, ҳатто маликаҳои хонадони темурӣ ҷузъҳои ҳатмии он сюжетҳои мураккаби тасвироти рӯйи девори иморатҳои онзамона ҳисоб меёфтанд. Қитъаҳои боқимондаи чанде аз мақбараҳои Шоҳи Зиндаи Самарқанд дар бораи он санъати бошукӯҳ тасаввури умумӣ ва тақрибӣ ба вуҷуд меоваранд. Дар ин қитъаҳо фақат ҷӯйҳо, дарахтон, буттаҳо, гулҳо ва дар заминаи наботот ҳавосилҳои паранда тасвир ёфтаанд.[60]

Асри XV ба олами тамаддун нусхаҳои хаттии олӣ, ки аз коғазу ҷилд то китобату тасвирот – ҳама намунаи санъаткории беназирест, ҳадя намуд.[61] Дар бисёр шаҳрҳои давлати бузурги темурӣ хаттотҳо ва наққошони забардаст зиндагӣ карда, асарҳои хеле зебо ва муҳташам меофариданд. Аммо маркази асосииривоҷу равнақи ин ҳунарҳо ба ҳар ҳол Ҳирот ба шумор мерафт. Дар бобати ҷамъ намудани одамони ҳунарвар ва шуҳратманд ҳеҷ як шаҳр наметавонист бо Ҳирот баробар шавад. Дар нимаи аввали асри XV дар ин ҷо бародари Улуғбек – Бойсунқар ҳамчун донишманд, қадршинос ва ҳомии маданият ном баровarda, чунонки дар боло гуфта шуд, китобхонае ташкил кард, ки вай на фақат махзани китобҳои нодир буд, балки вазифаи коргоҳи аҳли ҳунарро ҳам адо менамуд. Дар он ҷо беҳтарин миниётурсозҳо, хаттотҳо ва саҳҳофҳо кор мекарданд (як худи хаттотҳо чил нафар буданд). Ғайр аз ин, дар Ҳирот китобхона – коргоҳи дарбории Шоҳрух низ мавҷуд буд, ки намунаҳои хеле хуби осори хаттотӣ ва миниётурӣ ба вуҷуд меовард.

Дар нимаи дувуми аср Алишер Навоӣ ва Султон Ҳусайн Бойқаро, ки ҳамчунин донандагони қадри ин соҳаҳои ҳунар ҳисоб мешуданд, ҳунармандони мустаидро ҳимоят карда, онҳоро ба дарбор ҷалб менамуданд.

Хусусияти миниётури шарқ, хоҳ барои ороиши китоб хизмат кунад ва хоҳ ба таври ҷудогона (қитъа) сохта шуда бошад, ин аст, ки вай ҳаҷм ва сояравшан, умқ ва дурӣ надорад. Чизҳои ба назари бинанда дар фосилаҳои гуногун воқеъшуда ба тариқи амудӣ, аз паст ба боло: чизҳои наздик дар поён ва чизҳои дур дар боло ҷой дода мешуданд.

Ҳаҷми чизҳои дуру наздик таносубан аз ҳам фарқ намекард, яъне чизи дур назар ба чизи наздик ҳаҷман хурд намешуд. Вале ин ҷиҳатҳои миниётурро на ҳамчун нуқсон, балки ҳамчун хусусияти хоси ин навъи эҷодиёти тасвирӣ донистаанд. Нафосати тасвир, обуранги фаровон, ба василаи рангомезӣ ва сохти композитсионии сурат ифода кардани ҳолати рӯҳӣ ва эҳсосот аз ҷиҳатҳои пурарзиши миниётур ҳисоб меёфт.

Дар сарчашмаҳои хаттӣ номи бисёр миниётурсозони асри XV, ки санъаткорони забардасти замони худ буданд, зикр шудааст. Лекин ба сабаби он ки миниётурсозон, одатан, дар асарҳояшон имзо намегузоштанд, таҳқиқи эҷодиёти аксари онҳо бо ниҳояти душворӣ анҷом меёбад.

Дар нусхаи «Шоҳнома»-и соли 1429/30 дар китобхонаи Бойсунқар китобатшуда бист миниётуре, ки чанд нафар ҳунармандон сохтаанд, мавҷуд аст. Муҳаққиқон онҳоро аз беҳтарин намунаҳои марҳалаи аввали равнақи

---

[60] Денике Б. П., 1939, с. 200–208; Ремпел Л.Н., 1961, с. 318–325, 332– 337; Бородина И. Ф., 1965

[61] Адабиёти ин соҳа хеле зиёд аст. Ин ҷо фақат баъзе асарҳои характери умумидоштаро ном мебарем: Денике Б.П., 1938, с. 68-120; Семёнов А.А., 1940; 1946 б; Пугаченкова Г.А.; Ремпел Л.И., 1965; «Персидские миниатюры», 1968, с. 6-17; 3(с. 6-7; Stchoukine I., 1954; Ettinhausen R., 1960; Gray B., 1961 (ҳамон ҷо феҳристи муфассал).

мактаби миниётурсозии аҳди темурӣ ба қалам додаанд. Нафисию мавзунӣ, балки зарифии сурат, равшании ранг ва қисматбандии махсус, ҳатто дар мавзӯъҳои «расмӣ» ҳам ҷиҳати фарққунандаи ин миниётурҳоро ташкил менамоянд.



**Коваи оҳангар пешопеши шӯришгарон.**
**Мусавварои охири асри XV. Самарқанд**

Мактаби миниётурсозии Ҳирот дар нимаи дувуми асри XV ба тавассути як идда ҳунармандони моҳир ба авҷи тараққиёти худ расид. Дар байни ин ҳунармандон Камолиддини Беҳзод (тав. байни солҳои 1450–1460 – ваф. соли 1536/37) мақоми хосае ишғол намудааст.

Рассоми бузурги он замон – Мираки Наққош аз қобилияти фавқулодаи писарбачаи ятим – Камолиддин огоҳ шуда, ӯро тарбият ва сарпарастӣ намуд

(мутаассифона, эҷодиёти Мираки Наққош ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст, зеро фақат ду миниётури имзогузоштаи ӯ маълум асту бас). Дар камолоти Беҳзод Алишер Навоӣ низ ҳамчун ғамхор ва мададгор хидмати шоиста намуда, барои ба муҳити одамони истеъдоднок ва маданӣ роҳ ёфтани ӯ имконият фароҳам овард. Дар ташаккули идеалҳои эстетикӣ ва тараққиёти эҷодиёти Беҳзод маҳз ҳамин муҳит таъсири басо муфид ва самарбахш расонид.

Барои миниётурҳои марҳалаи аввали эҷодиёти Беҳзод бештар рангҳои банур ва тазод, қисматбандии динамикӣ, серсуратӣ ва пур кардани ҷо хос аст. Чунончи, миниётурҳои барои «Зафарнома»-и Яздӣ сохтаи ӯ аз ҳамин қабиланд. Дар маркази диққати рассом шиддати муҳориба ва ҷӯшу хурӯши меҳнат қарор гирифтааст. Тасвири майдони муҳорибаи ду қӯшун ба тасвири манзараи мушобеҳ дар нусхаи «Шоҳнома»-и соли 1429/30 ҳеҷ монандие надорад. Дар ин ҷо ду қӯшуни баробар баҳамназдикшаванда не, балки тӯфони разм ба назар мерасад. Дар ин ҷо ҳар як чеҳраи тасвиршуда фардист, задубархӯрди ҷанговарон ногаҳонӣ, пуршиддат ва хеле гуногун аст. Миниётури сохтмони масҷиди ҷомеи Самарқанд аз ҷиҳати мазмун тамоман фарқ мекунад. Вале дар ин ҷо ҳам шиддати ҳаракат баръало ҳис карда мешавад. Дуредгарону кандакорон дам нагирифта кор мекунанд, назораткунанда коргурезеро ҷазо медиҳад, аробаи пур аз санги мармар омада истодааст.

Одамони бисёре тасвир шудаанд, вале ҳама дар қиёфа ва ҳолати гуногунанд: яке серҳаракат, дигаре оромтар, аммо ҳама дар якҷоягӣ ба ташвишу тараддуди кори сохтмон комилан мувофиқат доранд.

Баъзе муҳаққиқон бо имони комил ва баъзе муҳаққиқон бо андак шакку шубҳа якчанд миниётурҳоро, ки дар махзанҳои гуногуни мамлакати мо маҳфуз мебошанд, ба қалами Беҳзод нисбат медиҳанд[62]. Масалан, ба ақидаи санъатшиноси советӣ О.И.Галеркина, якчанд миниётурҳое, ки дар Китобхонаи оммавии давлатии ба номи Салтиков-Шедрини шаҳри Ленинград маҳфуз мебошанд, асарҳои Беҳзод гуфтан мумкин аст[63]. О.Ф.Акимушкин, А.А.Иванов, М.М.Ашрафӣ дар ин бобат хеле бо мулоҳиза изҳори ақида мекунанд ва чунин мешуморанд, ки баъзе аз ин миниётурҳо, бешакку шубҳа, ба қалами шогирдони Беҳзод тааллуқ дорад ва мувофиқи услуби худи Беҳзод кашида шудаанд. Ба ин миниётурҳо композитсияи шинаму мутаносиб, назокату латофати ҳар як печутоби хат, таъсири мукаммалу дилошӯби ранг хос аст, ки ин фақат ба устодони забардаст муяссар мешавад. Ба гуфтаи муҳаққиқони миниётурҳои форсӣ, миниётурҳои аслии Беҳзод соҳиби чунон композитсияи мукаммал мебошанд, ки дар асоси қонуну қоидаҳои аниқу дақиқи математикӣ тартиб ёфтаанд ва одамон дар расм чунон ҷой мегиранд, ки аксар вақт гӯё як доирае пайдо мешавад.

Дар баъзе расмҳои худ Беҳзод ин услуби худро ошкоро ба қалам медиҳад, дар баъзе расмҳояш бошад, баръакс, ба рӯйи ин услуби худ парда мекашад ва онро ноаён истифода мебарад. Беҳзод ба қоидаву қонунҳои маълуму муқаррарии расмкашӣ эҷодкорона муносибат мекард, ӯ қоидаву қонунҳоро аз нав месохт, тағйир медод, дигар мекард, маҳз чунин муносибати эҷодкоронаи

[62] Акимушкин О Ф., Иванов А. А., 1968, с. 17; Ашрафӣ М. М., 1974. с. 22
[63] Galerkina O., 1970

Беҳзод ва дар айни ҳол, идроки ниҳоят нозуку латифи тобиши ранг ва намуди тарҳ миниётурҳои ӯро ин қадар беҳамтову беамсол кардаанд.

Мактаби миниётуркашии асри XVI Табриз аз эҷодиёти Беҳзод фаровон баҳра бардоштааст. Соли 1522 шоҳ Исмоили Сафавӣ Беҳзодро ба Табрез бурда, сардори китобхона таъйин мекунад, ки вазифаи вай роҳбарӣ ба миниётуркашони дарбор буд. Дар давраҳои аввал услуби миниётуркашии мактаби Табрез дар асоси услуби композитсиясозӣ ва рангубордиҳии равияи Ҳирот инкишоф меёфт.

Ба ин ҷиҳати масъала, масалан, рассоми асри XVI Содиқбеки Афшор низ ишорат намуда навишта буд, ки анъанаи маҳаллӣ бо услуби Беҳзод зич омезиш ёфта буд.[64]

Муҳаққиқон инчунин қайд кардаанд, ки таъсири мактаби Ҳирот дар миниётурҳои асри XVI Бухоро низ ба назар мерасад.

Дар охири асри XV эҷодиёти Беҳзод бештар ба тафаккур ва эҳсосоти қалбӣ наздик мешавад ва аксаран ба тасвири манзараҳои табиат рӯ меоварад. Чунин кайфияти санъаткори бузург дар миниётурҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Хусрави Деҳлавӣ акс ёфтааст. Мавзӯи ишқи маъсум ва ноком дар осори Беҳзод ифодаи хеле таъсирбахш ва шоиронаи худро пайдо намудааст.

Беҳзод суратгари мумтоз ҳам буд. Дар офаридаҳои ӯ баъзе шахсони таърихӣ аз ҷиҳати қиёфа ба ҳамзамононаш монанд шудаанд. Масалан, дар яке аз миниётурҳо Искандари Мақдунӣ ба худ қиёфаи Султон Ҳусайн Бойқароро гирифтааст. Ҳамчунин миниётурҳое ҳастанд, ки саҳнаҳои зиндагии дарбориёнро инъикос мекунанд ва дар ин байн сурати Султон Ҳусайн ва ё яке аз дарбориён низ ба назар мерасад.

Аммо суратҳои алоҳидаи Султон Ҳусайн ва Муҳаммади Шайбонихон аз шоҳкориҳои Беҳзод дар ин навъи санъати рассомӣ ба шумор мераванд.

Беҳзод дар санъат равияи тоза ба вуҷуд оварда, устоди як мактаби махсуси наққошии замон гардид. Ӯ шогирдони бисёре дошт. Яке аз наққошони машҳури он аср – Қосим Алӣ низ, мутобиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо, аз шогирдони вай ҳисоб мешуд.

Муосирон чунин мешумурданд, ки тафовути асарҳои ин ду устоди санъатро фақат донишманди зарофатбин метавонад дарк намояд. Мутаассифона, аз миниётурҳое, ки бидуни шубҳа, ба қалами Қосим Алӣ тааллуқ доранд, ягонто ҳам то замони мо нарасидаанд.

Мактаби миниётурсозии Ҳирот дар охири асри XV ва ибтидои асри XVI усулан ҳалли қисматбандии (назар ба нимаи аввали асри XV) камтағйирёфтаро ба амал татбиқ намуд. Дар айни замон, ба ақидаи санъатшиносон, дар миниётурҳои он тамоюли реалистӣ беш аз пеш афзуда, майлу кӯшиши фардикунонӣ ва ҳатто ифода намудани ҳолати рӯҳии персонажҳо тақвият меёбад, тасвири табиат мураккабтар мегардад.

Маҳорат ва ҳунари санъаткорон ба дараҷаи баланди такомули худ мерасад. Асарҳои моҳирона офаридаи миниётурсозони забардасти асри XV яке аз қуллаҳои маданияти бадеии шарқ ҳисоб меёбад.

---

[64] Садиг-бек Афшар, 1963, с. 6.

## Илму адаб дар нимаи дувуми асрҳои XIV–XV

Яке аз олимони маъруфи замони Темур, ки борҳо дар мубоҳисаҳои илмии дарбори ӯ ширкат намудааст, *Саъдуддин Масъуд ибни Умари Тафтозонӣ* (1332–1389) мебошад. Саъдуддини Тафтозонӣ то охири умри худ дар Ғиждувон, Ҷом, Хоразм, Туркистон, Самарқанд, Ҳирот ва Сарахс ба дарсгӯӣ машғул шуда, доир ба сарфу наҳв, фиқҳ ва илми баён рисолаҳои зиёде таълиф намудааст, ки ҳанӯз аз вақти дар қайди ҳаёт будани ӯ ба қатори китобҳои дарсӣ дохил гардидаанд.

Муаррихи барҷастаи он давр *Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ* (1392-1450) дар Димишқ таваллуд ёфта, аз синни ҳаштсолагӣ дар Самарқанд иқомат намудааст. Асари асосии ӯ «Аҷоиб-ул-мақдур фӣ навоиби Темур» ном китобест, ки дар он хусусиятҳои манфии Темур ниҳоятдараҷа сахт ва нисбат ба он замон хеле ҷасурона мазаммат мешавад.

Дигар аз муаррихони маъруф *Низомиддини Шомӣ* соли 1404 бо унвони «Зафарномаи Темурӣ» китобе навишт. Шарафиддин Алии Яздӣ (ваф. 1454) дар соли 1425 бо номи «Зафарнома» асари машҳури худро таълиф намуд, ки он ҳам ба аҳди Темур бахшида шудааст.

Дар асри XIV адабиёти бадеӣ низ тараққӣ карда, адибони барҷастае ба вуҷуд омаданд, ки дар байни онҳо классикони машҳури назми форсу тоҷик *Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ* (ваф.1389) ва *Камоли Хуҷандӣ* (ваф. тахминан 1400) мавқеи бузургеро ишғол мекунанд. Дар асарҳои онҳо бештар ғояҳои тараққихоҳонаи замона мунъакис гардидаанд.

Ҳофиз дар айёми кӯдакӣ хеле барвақт аз падар ятим монд. Модараш, ки имконияти хонондани фарзандашро надошт, ӯро ба тарбияти шахсе гузошт. Лекин Ҳофиз ба зудӣ хонаводаи ин шахсро тарк намуда, ба нонвое шогирд шуд.

Чанд гоҳ дар мадраса ҳам таҳсил карда, як қадар маълумот ба даст овард. Баъдҳо вай зиндагонии дарвешона ба сар бурда, муттасил ба касби дониш машғул гардид ва дере нагузашта ҳамчун шоир шуҳрат ёфт.

Шеърҳои Ҳофиз ҳанӯз дар айёми ҳаёти ӯ дар байни оммаи халқ хеле паҳн шуда, тадриҷан як қисмати онҳо ба фолклор низ дохил гардидаанд. Ҳоло ҳам Ҳофиз дар Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон аз маҳбубтарин шоирон ба шумор меравад, мардум ашъори дилнавози ӯро бо шавқу завқ мехонанд. Роли Ҳофиз дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бағоят бузург мебошад. Вай шоирест, ки навъи лирика, яъне ғазалро ба дараҷаи олии такомул расонида, ба он мазмунҳои тоза дохил кардааст. Ба ғазалиёти Ҳофиз дар баробари мавзӯи ишқ ва май, зебоӣ ва хушгилӣ, фикру андешаҳои ирфонӣ ҷиҳати эътироз нисбат ба беадолатиҳои иҷтимоӣ низ хос мебошад. Ҳофиз дар шароити асри миёна то ба дараҷаи мубориза барои шаъну шараф ва қадру қимати инсон расид. Вай аксар вақт ҳамаи он чизеро, ки дар тафаккури ӯ пайдо мешуд, изҳор карда наметавонист. Шоир, ки бо шароит ва муҳити тираи давр муросо намекард, ғолибан ба худ ниқоби риндӣ кашиданро афзалтар медонист. Бо вуҷуди ин, мазмуни асосии назми Ҳофизро на шодиву хушҳолии лоқайдона ва на васфи зебоӣ барои худи зебоӣ, чи навъе ки шарқшиносони буржуазӣ вонамуд карданӣ мешаванд ва на андешаҳои сарбастаи тасаввуф, балки ҳисси норизогӣ нисбат ба беинсофиҳои иҷтимоии замона фароҳам овардааст.

Шеърҳои ошиқонаи Ҳофиз эҳсоси баланд ва шавқу рағбати бепоёни одамиро иброз намуда, дурӯғу риёро мазаммат ва писандидатарин хислатҳои инсонро талқин мекунанд. Ба тариқи намуна ин ғазали Ҳофизро, ки пур аз маҷозу кинояҳои ҳадафзан мебошад, меоварем:

Ман на он риндам, ки тарки шоҳиду соғар кунам,
Мӯҳтасиб донад, ки ман ин корҳо камтар кунам.
Чун сабо маҷмӯаи гулро ба оби лутф шуст,
Каҷдилам хон, гар назар бар сафҳаи дафтар кунам.
Лола соғаргиру наргис масту бар мо номи фисқ,
Доварӣ дорам басе, ё Раб, киро довар кунам?
Ишқ дурдонасту ман ғаввосу дарё майкада,
Сар фурӯ бурдам дар ин ҷо, то куҷо сар баркунам?
Гарчи гардолуди фақрам, шарм бод аз ҳимматам,
Гар ба оби чашмаи хуршед доман тар кунам.
Ман, ки дорам дар гадоӣ ганҷи султонӣ ба даст,
Кай тамаъ дар гардиши гардуни дунпарвар кунам!
Ошиқонро гар ба оташ меписандад лутфи дӯст,
Тангчашмам гар назар бар чашмаи Кавсар кунам.
Аҳду паймони фалакро нест чандон эътибор,
Аҳд бо паймона бандам, шарт бо соғар кунам...
Бо вуҷуди бенавоӣ рӯ сияҳ бодам, чу маҳ,
Гар қабули файзи хуршеди баландахтар кунам!
Ман, ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,
Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам?!
Шеваи риндӣ на лоиқ буд васфамро, вале
Чун дарафтодам, чаро андешаи дигар кунам?...[65]

Муосирони Ҳофиз мазмуни тасаввуфии ашъорашро ба назар гирифта, ӯро ҳанӯз дар вақти зиндагиаш «Лисон-ул-ғайб» номида буданд. Баъзе рӯҳониёни мутаассиб пас аз марги Ҳофиз шеърҳояшро соф аз нуқтаи назари динию тасаввуфӣ маънидод карданӣ шуданд[66]. Масалан, онҳо иддао мекарданд, ки образҳои ғазалиёти ӯ гӯё аслан маънии маҷозӣ доранд: «ёр» ишора ба Худост ва ғайра.

Гётеи заковатманд ишорати Ҳофизро ҳамчун ифодаи эътирози зидди зуҳду риё дарк намуд. Ӯ дар «Девони ғарбию шарқӣ»-и худ китоби махсуси шеърҳояшро бо унвони «Ҳофизнома» ба шоири бузурги форсу тоҷик бахшид.[67]

Маҷозу кинояҳо дар ашъори Ҳофиз барои ифодаи ғояҳои инсондӯстии ин шоири бузург хизмат менамуд.

*Камоли Хуҷандӣ.* Айёми кӯдакии худро дар Хуҷанд гузаронида ва давраи таҳсилашро дар Самарқанд ба итмом расонида, сипас ба Табрез рафт ва дар дарбори ҳокими он ҷо қарор гирифт. Вақте ки хони Олтин Ӯрда –

---

[65] Ҳофиз, 1893, с. 284–285.

[66] Дар баъзе байтҳои Ҳофиз ба риштаи назм кашида шудани оятҳои ҷудогонаи Қуръон шояд ба чунин иддао асос гардида бошад.

[67] Брагинский И., 1966, с. 220–253.

Тӯхтамишхон Табрезро забт намуд, Камол ба асирӣ афтода, ба Сарой (пойтахти Олтин Ӯрда) бурда шуд. Ӯ пас аз чанд соли маҳбусӣ ба Табрез баргашта, тахминан дар соли 1400 вафот кард.

Камоли Хуҷандӣ низ яке аз барҷастатарин устодони назм мебошад. Ғазалҳои ӯ хеле равон ва хушоҳанг буда, баъзе аз онҳо бо мавзӯъ ва мазмуни худ ғазалҳои Ҳофизро, ки Камол бо вай робитаи дӯстӣ доштааст, ба хотир меоранд. Ғазали зерин ғаму ҳасрати шоирро дар ёди ватан хеле хуб ифода намуда, бо як силсила ғазалҳои халқии тоҷик, ки ҳамчун шеърҳои «ғарибӣ» маъруфанд, пайваст мешавад:

Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб.
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб.
Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?!
Чун ту дар ғурбат наафтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо?
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб.
Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист –
Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб?
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб! [68]

Дигар аз шоирони он замон Носири Бухороист (ваф.1378), ки аз ҷиҳати услуб ва мазмуни эҷодиёти худ ба Ҳофиз ва Камол наздикӣ дорад.

Дар ашъори бузургтарин шоирони асри XIV, ғолибан дар ғазал онҳо бар хилофи қасидасароиҳои расмӣ, кайфияти эътирозомези халқ, ки дар шӯру ошӯбҳои он ба таври равшан ифода меёфт, дар шакли ба худ хос мунъакис мегардид. Қимат ва арзандагии махсуси ин ғазалҳо ва сабабҳои дар байни халқи тоҷик шуҳрат пайдо кардани онҳо дар ҳамин аст.

Илму адаб махсусан дар аҳди салтанати Улуғбек равнақу ривоҷ пайдо намуд. Мо дар боло роҷеъ ба фаъолияти ҳамаҷонибаи эҷодии Улуғбек сухан рондем. Ӯ, дар ҳақиқат ҳам, тавонист барҷастатарин намояндагони афкори илми нуҷум ва ҳандасаи замонро ба Самарқанд ҷамъ намояд.

Дар соли 1428 Улуғбек сохтмони бинои расадхонаи бузургеро ба итмом расонда, онро бо асбобу олоти мукаммал муҷаҳҳаз сохт.

Ин расадхона дар тараққиёти илми нуҷуми он давра роли бағоят муҳимме бозӣ кард. Дар ин расадхона нахустин бор вазъияти як қатор ситораҳоро муқаррар карда, тавассути он дар соли 1437 ҷадвалҳои нуҷумие, ки аҳамияти умумиҷаҳонии илмӣ касб намудаанд, тартиб дода шуданд. Бояд қайд кард, ки ин ҷадвалҳо аслан ба забони тоҷикӣ тартиб ёфта, баъдҳо ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд. Дар онҳо вазъияти беш аз ҳазор ситораи ба чашм аён ва мавқеи тақрибан ҳамаи шаҳрҳои шарқи исломӣ нишон дода шудааст.

Ҷадвалҳои нуҷумии Улуғбек, чи дар шарқ ва чи дар ғарб, дар зарфи чандин аср ҳамчун китоби дарсии доир ба таҳқиқи авзои кавокиб хидмат

---

[68] Камоли Хуҷандӣ, 1955, с. 14.

намуданд. Аҳамияти ин ҷадвалҳо боз дар ҳамин ҷост, ки онҳо барои омӯхтани вазъияти илми нуҷум дар миёнаҳои асри XV манбаи пурқимате мебошанд.

Улуғбек на фақат ба тараққиёти илму фан, балки дар айни замон ба пешрафти адабиёт ва санъат низ хеле аҳамият медод.

Дар ин вақт Самарқанд ва Ҳирот марказҳои бузурги маданияти шарқ гардида буданд. Ҳирот, ки ҳанӯз аз замони Шоҳрух ба пешравӣ оғоз карда буд, дар нимаи дувуми асри XV, яъне дар айёми ҳукмронии Султон Ҳусайн Бойқаро (1469–1506) ба калонтарин маркази илму маданият табдил ёфт. Аз тамоми гӯшаву канорҳои Мовароуннаҳр ва Эрон ходимони илму санъат ба Ҳирот ҷамъ омадан гирифтанд. Ба ин ҷиҳат, дар Ҳирот илмҳои тиб, ҳуқуқ, ахлоқ, инчунин адабиёт ва санъат низ тараққӣ карданд.

Бузургтарин намояндаи адабиёти ин давра шоир ва донишманди маъруф *Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ* (1414–1492) мебошад. Ҷомӣ дар деҳаи Ҷом, наздикии Нишопур, таваллуд ёфта, таҳсили худро дар Ҳирот ба анҷом расонид ва баъдҳо фаъолияти илмӣ ва адабиашро асосан дар ҳамин ҷо давом дод. Ӯ якчанд дафъа ба Самарқанд низ сафар кардааст. Аз он қасидае, ки Ҷомӣ дар соли 1487 оид ба шарҳи ҳоли худ навиштааст, чунин маълум мешавад, ки вай илми шеър ва қофия, сарфу наҳв, мантиқ, ҳикмати шарқ ва Юнон, табииёт, риёзиёт ва илми ҳайъатро омӯхта, баландтарин дараҷаи дониши замонаро азхуд карда будааст. «Баҳористон» ном асари ӯ, ки дар равияи «Гулистон»-и Саъдӣ таълиф ёфтааст, аз беҳтарин намунаҳои насри асри XV маҳсуб мегардад. Ҷомӣ дар асарҳои худ ҳамаи навъҳои адабиро моҳирона такмил дод ва бо ҳамин ба тараққиёти минбаъдаи адабиёти тоҷик таъсири хосае расонидааст.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар тамоми таърихи адабиёти асри миёнаи тоҷик аз сермаҳсултарин шоирон мебошад. Муаллифи тазкираи «Миръот-ул-хаёл» Шерхони Лудӣ чунин навиштааст: «Ҷомӣ наваду нуҳ китоб тасниф намуд, ки ҳамаи онҳо дар Эрон, Тӯрон ва Ҳиндустон назди аҳли дониш мақбул афтод ва ҳеҷ кас ангушти эътироз бар ину он натавонист ниҳод».

Аз асоситарин асарҳои манзуми Ҷомӣ «Ҳафт авранг» мебошад, ки аз ҳафт достони бузурги мисли достонҳои «Хамса»-и машҳури Низомӣ фароҳам омадааст (аз ҳафт маснавӣ сетоаш: «Тӯҳфат-ул-аҳрор», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хираднномаи Искандарӣ» назира ба достонҳои «Хамса»-и Низомист). Дар бештарини асарҳои ӯ ғояҳои инсониятпарварона тараннум гардида, истибдоди ашрофи ҳукмрон танқид ва мазаммат карда мешавад. Вале эҷодиёти Ҷомӣ аз мухолифатҳои фикрӣ холӣ набуда, дар қатори ғояҳои нисбат ба он замон тараққихоҳона ба асарҳои ӯ ғояҳои динию тасаввуфӣ низ роҳ ёфтаанд.

Ҷомӣ дар «Хираднномаи Искандарӣ» ном яке аз достонҳои «Ҳафт авранг» дар пайравии Форобӣ ва Низомӣ кишвари хаёлиеро тасвир намудааст, ки сокинони он ҳама дар мусовот зиндагӣ карда, дар байни онон аз дорову нодор ва аз золиму мазлум асаре дида намешавад.[69]

Дар аҳди салтанати Темуриён, ки давраи ташаккули адабиёти бадеии ӯзбекизабон низ мебошад, протсесси таъсири мутақобили адабиётҳои ӯзбек ва

---

[69] Роҷеъ ба он ниг.: Айнӣ С., 1948; Бертелс Е. Э., 1965 а; Ҷомӣ, 1965. Нашри осори Ҷомӣ ва тарҷумаи онҳо: Ҷомӣ, 1964; Абдурраҳмони Ҷомӣ, 1964.

тоҷик беш аз пеш қувват мегирад. Фаъолияти даҳои адабиёти ӯзбек – *Мир Алишер Навоӣ* (1441–1501) маҳз ба ҳамин давра тааллуқ дорад.

Навоӣ соли 1441 дар хонадони шахси соҳибмаърифате ба дунё меояд. Дар байни наздикони ӯ шоирон, мусиқичиён ва хаттотон ҳам буданд.

Ӯ аз хурдсолӣ нисбат ба шеър майлу рағбат пайдо карда, ба тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър гуфтан оғоз намуд ва аз синни понздаҳсолагӣ ба шоирӣ шуҳрат ёфт.

Пас аз ба тахти Ҳирот нишастани Султон Ҳусайн Бойқаро (1469) Навоӣ мақоми ходими давлатро соҳиб гардид. Ӯ бо унвони амир олитарин мансаби давлатиро ишғол намуд. Навоӣ қариб тамоми умри худро дар Ҳирот гузаронид.

Дар ташаккули даҳои Навоӣ муносибати дӯстона ва алоқаи эҷодии ӯ бо Ҷомии бузургвор роли калоне бозидааст. Навоӣ худро шогирди Ҷомӣ ҳисоб мекард. «...Мулоқоти Навоӣ ва Ҷомӣ,– менависад Е.Э.Бертелс,– дарвоқеъ, дӯстиеро ба миён овард, ки то охири умри Ҷомӣ давом намуд. Решаи ин дӯстӣ, албатта, на фақат бар ҷиҳатҳои фардии хислатҳои ин ду марди бузург, балки дар заминаи умумияти ҷаҳонбинӣ, мувофиқати комили ақидаву назарҳои онҳо ба мақсад ва вазифаҳои адабиёт қарор гирифтааст».[70]



Мадрасаи Улуғбек. Соли 1420. Самарқанд

[70] Бертелс Е. Э., 1965 а, с. 124.

Дар солҳои 1483–1485 Алишер Навоӣ ба забони ӯзбекӣ «Хамса»-и худро эҷод менамояд, ки ин ҳам мисли «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ назираест ба силсилаи достонҳои шоири бузурги асри XII Низомии Ганҷавӣ.

Бисёр сухансароёни забардаст ба равияи Низомӣ «Хамса» навишта, дар офаридани ин навъ асарҳо анъанаи шоистаеро ба вуҷуд овардаанд.

Навоӣ дар ин силсилаи маснавиёти худ бисёр фаслҳоро ба танқиди зулму тааддӣ, ҳирсу оз ва ҷоҳталабӣ бахшидааст.

Вақте ки соли 1492 Абдурраҳмони Ҷомӣ вафот намуд, Навоӣ ва дӯстони ӯ як соли тамом азодорӣ карданд. Навоӣ барои абадӣ гардонидани хотираи дӯсти бузургвори худ «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» ном асаре навишта, яке аз таълифоти Ҷомиро ба ӯзбекии қадим тарҷума кард.

Дӯстии Алишер Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ тимсоли дурахшони дӯстии ду халқи бародар – ӯзбекон ва тоҷикон аст, ки таърихи он ба қадимтарин замонҳо рафта мерасад.

Навоӣ дар охири умри худ (ваф.1501) маснавии «Лисон-ут-тайр» ва асари пандомӯзи «Маҳбуб-ул-қулуб»-ро, ки ба бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти ҷамъиятии онрӯза дахл мекунад, инчунин асарҳои зиёди дигарро таълиф намудааст.

Алишер Навоӣ яке аз бузургтарин шоирони асримиёнагии шарқ ва дар айни замон олим ва мутафаккири забардаст, мусиқидон ва наққоши моҳир, инчунин арбоби намоёни сиёсист.

«Навоӣ марди бузург аст. Истеъдоди гуногунҷанбааш ӯро ба қатори нобиғаҳои ҷаҳон мегузорад. Офаридаҳои ӯ кайҳост, ки дастраси тамоми инсоният гардидаанд. Роли онҳо махсусан дар инкишофи адабиёти туркизабон бағоят калон аст.

Бузургтарин шоири озари асри XVI Фузулӣ, шоирони туркман Андалеб, Махдумқулӣ, Мулло Нафас ва дигарон аз офаридаҳои Навоӣ илҳом гирифта, дар бисёр бобатҳо ба ӯ пайравӣ намудаанд. Навоӣ дар миёни шоирони Туркия низ шуҳрати зиёде дорад.

Хизмати Навоӣ дар адабиёти ӯзбек аз ин иборат аст, ки ӯ ин адабиётро ба арсаи ҷаҳон баровард. Навоӣ бо офаридаҳояш барои халқи ӯзбек имконияти ба забони модарӣ тараққӣ додани маданияти худро фароҳам сохт.

Қувваи истеъдоди Навоӣ дар он аст, ки офаридаҳои ӯ асрҳоро паймуда, ба ёди мардум ҷой гирифтанд ва имрӯз ҳам ба онҳо рӯҳ ва илҳом мебахшанд».[71]

Дар ин давра адабиётшиносӣ низ бисёр тараққӣ карда, дар бораи қофия, вазн, мувашшаҳ, муаммо ва ғ. асарҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Масалан, Ҷомӣ бо унвони «Муаммои сағир» ва «Муаммои кабир», «Рисолаи қофия»; Камолиддин Ҳусайнӣ бо номи «Рисола фил-муаммо»; Сайфӣ бо номи «Арӯз» асарҳо таълиф намуданд.

Дар соли 1486 яке аз муқаррабони дарбори Султон Ҳусайн Бойқаро Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки аксар вақт аз суҳбатҳои Ҷомӣ ва Навоӣ

[71] Кор-оглы Х. Р., 1968, с.63. Осори Алишер Навоӣ иборат аз 15 ҷилд дар Тошканд нашр шудааст.

баҳраманд мегардид, асари машҳури худ – «Тазкират-уш-шуаро»-ро ба вуҷуд овард. Ин асар дар бораи беш аз сад нафар шоир маълумот медиҳад.

Аҳамияти мактаби адабии Ҳирот ниҳоятдараҷа бузург аст. Махсусан бояд таъкид кард, ки ба якдигар наздик шудани адабиёти ду халқи ҳамсоя–тоҷикон ва ӯзбекон маҳз аз ҳамин давра сар карда торафт қувват мегирад.



Расадхонаи Улуғбек. Тақрибан соли 1428. (бурриш – реконструксия)

Дар ин ҷо баъзе хулосаҳои илми советиро доир ба давраи севуми тараққиёти назми классикӣ, ки асрҳои XIII–XV, яъне давраи пас аз истилои муғулро дар бар мегирад, иҷмолан баён мекунем. Аз солҳои 50-уми асри XIII ба зулму истибдоди тоқатшикан нигоҳ накарда, дар марказҳои мадании баҷомонда ҳаёти адабӣ дубора ба равнақ даромад. Тадриҷан ҳамон гуногунии жанрҳо, ки ба давраи якум (асрҳои IX–XI) хос буд, хусусияти асосии адабиёти ин давраро ташкил дод ва равияи оппозитсионии гуманистӣ, ки дар давраи дувум (асри XI–ибтидои XIII) пайдо шуда буд, дар ин давра боз ҳам қувват гирифт.

Таҷдиди анъана нисбат ба асарҳои ҷамъбасткунандаи «адабиётшиносӣ» (мисли тазкираҳои Авфӣ, Давлатшоҳ ва ғ.) зарурат ба миён овард. Мадеҳагӯӣ ба насри таърихии пуртумтароқ, ки ба ситоиши Темур ва ворисони ӯ бахшида мешуд, роҳ ёфт. Қасидаҳои мадҳия низ аз нав равнақ гирифтанд (Хусрави Деҳлавӣ ва диг.). Назирагӯӣ ҳам ба воситаи «Хамса»-и Хусрави Деҳлавӣ, «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ, «Хамса»-и Навоӣ (ба забони ӯзбекии қадим) умри дубораи худро шурӯъ намуд. Дигаргунӣ дар назми тасаввуфӣ аз он иборат буд, ки шеърҳои шаклан (аз ҷиҳати луғат ва воситаҳои тасвир) сӯфиёна, вале аз ҷиҳати мазмун хеле гуногун ба вуҷуд омаданд.

Комёбии басо пурарзиши назми ин давра ғазалиёти Ҳофиз ва Камол буданд. Ҷомӣ бо эҷодиёти худ адабиёти ин давраро ҷамъбаст намуд. Ӯ тамоми навъҳои адабиро инкишоф дод, синтези тамоми таҷрибаҳои адабиро ба вуҷуд овард ва консепсияи бадеии инсони комилро кор карда баромад. Аммо дар назми асри XV унсурҳои тақлид низ беш аз пеш роҳ ёфта, диққати асосӣ ба ороиши зоҳирии шеър, шаклпарастӣ ва суханбозӣ равона карда шуд.

Тараққии адабиёти бадеӣ дар асри XV ба пешрафти дигар санъатҳои алоқаманд таъсир накарда наметавонист. Хусусан дар миёнаҳои асри XV санъати мусиқӣ ва рақс хеле ривоҷ гирифт. Дар ин давра на фақат мусиқачиён, балки бастакорони хубе ҳам ба камол расиданд.

Пешрафти санъати мусиқӣ то дараҷае расида буд, ки дар ин соҳа асарҳои назариявӣ ба вуҷуд омаданд. Яке аз ин қабил асарҳо «Рисолаи мусиқӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомист, ки дар бораи омӯхтани санъати мусиқии асри XV аз муҳимтарин сарчашмаҳо ҳисоб мешавад.

Дар ин давра инчунин оид ба илми ахлоқ бисёр асарҳо таълиф ёфтанд. *Ҷалолиддини Давонӣ* (1426–1502) соли 1467 бо номи «Ахлоқи Ҷалолӣ» китобе навишт. Дар соли 1494 *Ҳусайн Воизи Кошифӣ* дар масъалаи ахлоқ ва тарбия «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-ро офарид, ки аз чил боб иборат буда, ба шоҳзода Мӯҳсин бахшида шудааст. Ғайр аз ин, ӯ китоби машҳури «Калила ва Димна»-ро бо номи «Анвори Суҳайлӣ» аз нав таҳрир намуд.

Комёбиҳои соҳаи таърихнависӣ низ дар ин давра кам набуданд. Яке аз асарҳои муҳимми ин фан «Зубдат-ут-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ (ваф. 1430) мебошад, ки нақли воқеаҳои таърихиро то соли 1427 расонидааст. Абдураззоқи Самарқандӣ, ки давомдиҳандаи корҳои вай аст, бо унвони «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» китобе навишт, ки аз вақти таваллуди Абӯсаиди Ҳулокуӣ то Абӯсаиди Темурӣ, яъне воқеаҳои таърихии байни солҳои 1304 ва 1469-ро дар бар мегирад.

*Муиниддин Муҳаммади Исфизорӣ* дар соли 1491 бо номи «Равзат-ул-ҷаннот фӣ авсофи мадинат-ул-Ҳирот» асаре ба вуҷуд оварда, на фақат таърихи шаҳри Ҳирот, балки таърихи тамоми вилоятҳои давлати Султон Ҳусайнро тасвир намудааст.

Муҳимтарин асари таърихии давраи Темуриён китоби «Равзат-ус-сафо» мебошад. Муаллифи ин китоб *Муҳаммад ибни Ховандшоҳ* (ваф. 1498), ки дар таърих бо номи «*Мирхонд»* шуҳрат дорад, аслан аз вилояти Балх буда, давраи минбаъдаи ҳаёт ва фаъолияти худро дар Ҳирот гузаронидааст. Ӯ яке аз иштироккунандагони фаъоли ҳаёти мадании Ҳирот ва аз ҳамкорони наздики Ҷомӣ ва Навоӣ ба шумор меравад. «Равзат-ус-сафо» иборат аз ҳафт ҷилд аст, ки таърихи мамлакатҳои исломӣ, аз ҷумла, Эрон ва Осиёи Миёна, хусусан

давраи Темуриёнро то охирҳои салтанати Султон Ҳусайн Бойқаро дар бар мегирад. Охири ин китоб, яъне ҷилди ҳафтуми он, ки нотамом монда буд, аз тарафи бародарзодаи муаллиф – Хондамир ба итмом расонида шуд.

Албатта, ин ҳама комёбиҳои маданӣ ба мо асосе намедиҳанд, ки вазъияти давлати Султон Ҳусайнро зиёда ситоиш кунем. Чӣ навъе ки дар боло қайд гардид, худи султон ва маъмурони ӯ халқи меҳнатиро бераҳмона ғорат мекарданд. Тамоми харҷи бинокориҳои шаҳри Ҳирот чун бори гарон бар дӯши оммаи заҳматкаш ҳамл мешуд. Ин аст, ки мо дар осори бисёр нависандагони он замон шикоят аз зулму истибдоди давраи темурӣ ва айёми ҳукмронии Султон Ҳусайнро мушоҳида мекунем.

# ФАСЛИ ПАНҶУМ

# ТОҶИКОН ДАР ОХИРҲОИ АСРИ МИЁНА

# БОБИ ЯКУМ

# ҲАЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВЛАТИ ШАЙБОНИЁН (АСРИ XVI)

## 1.ТАЪРИХИ СИЁСӢ

## ИСТИЛОИ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН

### Сиёсати дохилии Шайбонихон

Дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI ӯзбекҳои бодянишин бо сардории Муҳаммад Шайбонихон Мовароуннаҳри марказӣ ва андаке баъдтар тамоми қисмати боқимондаи давлати Темуриёнро забт намуданд. Давлат ва сулолаи нав бо номи таъсискунандаи худ – «Шайбонӣ» машҳур гардид. Худи Шайбонихон аслан аз хонадони Чингизхон буд. Бобои ӯ – Абулхайрхон дар нимаи аввали асри XV давлати пуриқтидори бодиявӣ ташкил намуд. Қавму тоифаҳои туркзабони муттаҳидкардаи ӯ аз аслу насабҳои гуногун иборат буданд. Онҳо дар паҳноҳои бекарони дашту саҳрое, ки домони он аз поини дарёи Сир то Сибир рафта мерасид, ҳаёт ба сар мебурданд. Вале ин иттиҳодияи бавуҷудовардаи Абулхайрхон мабдаи иқтисодӣ надошт ва бо зӯри силоҳ арзи вуҷуд мекард. Ин буд, ки вай пояҳои худро устувор карда натавониста, ба зудӣ пас аз фавти Абулхайрхон аз по афтод[1]. Шайбонихон хост, таҷрибаи бобояшро такрор намояд, вале кораш барор нагирифт. Ҷангу талошҳо бо дигар Чингизиёни ҷоҳталаб ва ихтиёрхоҳ гоҳ ба фоида ва гоҳ ба зарари ӯ анҷом меёфт. Ҳарчанд ки баъзан бо ғаниматҳои хеле хуб зафар меёфт, вале ин барои таъмини имтиёзи сиёсии ӯ кофӣ набуд.

Шайбонихон дар ин муборизаҳо борҳо аз ёрию дастгирии Темуриён баҳраманд гардида буд. Ӯ дар яке аз ҷангҳо мағлуб шуда, ду сол дар Бухоро зист ва, аз рӯйи шаҳодати сарчашмаҳо, ҷиддан машғули андӯхтани илму дониш гардид.

Душмани ашаддии Темуриён дар қисмати шимоли мамлакат моғулҳо* ба шумор мерафтанд, ки Тошкандро маркази худ ихтиёр карда буданд. Онҳо чандин бор ҳатто ба ноҳияҳои Мовароуннаҳри марказӣ ҳамла намуда, молҳоро толон ва аҳолиро тороҷ мекарданд. Темуриён Шайбонихонро ба

---

[1] Муфассалан ниг.: Семёнов А. А., 1954, б; Аҳмадов Б. А., 1965 а.

* Бо истилоҳи «муғулҳо» як дониста нашавад, зеро ин халқест, ки дар а. 16 дар баъзе ноҳияҳои Осиёи Миёна зиндагӣ мекард ва дар адабиёти ғарбу русӣ бо номи «моголы» машҳур буд (мутарҷим).

муқобили муғулҳо истифода карданӣ шуданд. Лекин Шайбонихон иттифоқчии бад баромад: ӯ фақат аз пайи манфиати худ шуда, аксаран хилофи ваъдаи худ амал мекард, гоҳ тарафи Темуриёнро мегирифт, гоҳ тарафи муғулҳоро, ҳар замон ба мулкҳои ину он ҳуҷумҳои ғоратгарона менамуд. Ниҳоят, ӯ чунин шаҳрҳои истеҳкомӣ, мисли Утрор, Сайрам ва Яссаро ба таҳти тасарруфи худ даровaрда, ҳамқавмони худро даъват кард ва дастаи қавии аскарӣ ташкил дода, бо муғулҳо муоҳида баст ва соли 1499 ба истилои Мовароуннаҳр шурӯъ намуд. Аввал ӯ пойтахти Темуриёни Осиёи Миёна – шаҳри Самарқандро ба муҳосира гирифт. Вақте ки волии Бухоро бо қӯшуни худ ба тарафи Самарқанд равона шуд, Шайбонихон аз муҳосира бархоста, ба муқобили ӯ шитофт ва дар роҳ ин қувваи аскариро торумор намуда, ба сӯйи Бухорои заифгардида ҳаракат кард. Аз муҳосира ҳатто се рӯз нагузашта, аъёну ашроф ва рӯҳониён шаҳрро ба ӯ таслим намуданд.

Дар чунин лаҳзаи пурмасъулият ҳам, ки мамлакатро хатари ҷиддӣ таҳдид мекард, ашрофи Самарқанд ва шаҳзодагони темурӣ тамоман саргарми нифоқу низоъҳои байнихудӣ буданд. Гурӯҳе саршохаи Темуриёни Осиёи Миёна – Султон Алиро тарафдорӣ мекарданд, гурӯҳи дигар хешованди вай – Бобурро ба Самарқанд даъват намуда, таслими шаҳрро ба ӯ ваъда медоданд. Ҳангоми Самарқандро муҳосира кардани Шайбонихон ин низоъҳо боз ҳам қувват гирифт. Баъзе намояндагони хеле бонуфузи рӯҳониён ҳисси навмедӣ ва кайфияти мағлубиятро падид меоварданд. Султон Алӣ дар ҳама ҷо хиёнатро гумон бурда, аз дигарон пештар бо як гурӯҳ рикобдорони худ ба қароргоҳи Шайбонихон равона шуд. Ашрофи Самарқанд аз ин воқиф гардида, бо туҳфаву инъомҳои зиёде ба ҳузури Шайбонихон омада, сари таъзим фуруд оварданд. Ба ин тариқа, соли 1500 Самарқанд бе ҷанг ба дасти Шайбонихон даромад.

Аммо ин муваффақияти аввалин, ки ба зудӣ ва осонӣ ба даст омада буд, бақое наёфт. Як қисми ашрофи Бухоро ва Самарқанд тарафдори барқарор намудани ҳокимияти Темуриён буд. Агарчанде ки ӯ нахустин суиқасдро фош намуда, гунаҳкорон ва ҳатто гумонбарҳоро аз дами теғ гузаронид, ба ҳар ҳол дасти муқобилони ӯ боло шуд. Акнун ҳарифи асосии Шайбонихон шаҳзодаи ҷавони темурӣ, асосгузори ояндаи давлати Темуриёни Ҳинд – Бобур гардид. Қароргоҳи Шайбонихон дар ҳаволии Самарқанд буд. Аъёну ашрофе, ки пинҳонӣ бо Бобур мукотиба доштанд, ба рӯйи ӯ дарвозаи шаҳрро кушоданд ва ӯро подшоҳ эълон намуданд. Дере нагузашта дар баъзе шаҳрҳо ва истеҳкомоти дигар низ пирӯзӣ насиби тарафдорони Темуриён гардид. Вале дар муҳорибаи кушоди соҳили Зарафшон, ки дар моҳи апрели соли 1501 ба вуқӯъ омад, Бобур шикаст хӯрд ва ба Самарқанд ақиб нишаст. Худи ӯ дар ёддоштҳояш аз тарафи Шайбонихон моҳҳои дароз муҳосира шудани Самарқандро ба тариқи хеле муфассал тасвир намудааст.[2] Аз гуфтаҳои Бобур маълум мешавад, ки халқ, аҳолии одии шаҳр, пешаварону косибон аввалҳо дар муҳофизати шаҳр бисёр фаъолона иштирок доштаанд, ҷасорат ва қаҳрамонӣ нишон дода, нақшҳои ҳуҷуми фиккардаи Шайбонихонро вайрон мекардаанд. Аммо сокинони шаҳр манфиатҳои сулолавии Бобурро, чунонки ӯ содалавҳона гумон мебурд, ҳимоя

[2] Бобур, 1958, с. 106 ва давомаш.

намекарданд. Самарқандиҳо акнун таҷрибаи калон ва талхе доштанд: хиёнат ва суиқасдҳои аъёну ашроф, аз даст ба даст гузаштани шаҳр боиси ғорат, қатлу куштор ва қаҳтиву гуруснагӣ мегардид. Лекин ин бор манфиати шаҳриён ва Бобур мувофиқ афтод.

Бо вуҷуди ин, нигоҳ доштани Самарқанд муяссар нагардид. Шаҳриён яроқу аслиҳа надоштанд. Дар шаҳри муҳосирашуда гуруснагӣ ҳукмфармоӣ мекард. «Вақти гандумпаз расида буд, вале касе ҳосили нав намеовард. Рӯзҳои муҳосира тӯл кашид, мардум ба маҳрумиятҳои зиёде дучор гардиданд; кор ба ҷое расид, ки бенавоён ва муҳтоҷон гӯшти сагу харро мехӯрдагӣ шуданд. Чун еми асп камёб шуд, одамон ба ҷойи он барги дарахтро медоданд»[3].

Бобур барои кумак ба ҳокимони гуногун муроҷиат намуд, вале имдоде нарасид. Ӯ чунин хислати Темуриёнро, ки манфиати умум барояшон бегона буд, хеле аниқ ва дақиқ хотирнишон намудааст: «Мо ба кумак ва пуштибонии моликони ҳамсоя ва атрофу акноф умед баста будем, лекин ҳар яки онҳо нақшаҳои худро дошт[4]. Хусусан, кӯтоҳандешии сардори Темуриёни Хуросон – Султон Ҳусайн, ки на фақат дасти ёрӣ дароз накард, балки ҳатто ба Шайбонихон чоплусӣ намуд, ӯро дар ҳайрат гузошт.

Сокинони шаҳр, сарбозон ва ҳатто наздикони Бобур ба қаҳтӣ ва гуруснагӣ тоб наёварда, ба ҳар сӯ фирор мекарданд. Ниҳоят, худи Бобур ҳам роҳи гурезро пеш гирифт. Шаҳри пойтахтии Самарқанд дубора ва тамоман ба дасти Шайбонихон даромад. Ин ҳодиса дар соли 1501 рӯй дод.

Ба Шайбонихон аз ҳама бештар сокинони шаҳри Қарокӯл муқовимат карданд. Баҳорони соли 1501 дар ин ҷо шӯрише ба амал омад, ки амалан хусусияти синфӣ дошт. Ба сари шаҳр намояндаи халқро, зоҳиран, сардори шӯришро нишонданд. Номи ӯ маълум нест, дар манбаъҳои онвақта ӯро таҳқиромезона «гадо» ва «ҷоҳил» номидаанд.

Шайбонихон худ бо қӯшуни зиёде ба ҷанги зидди Қарокӯл рафт. Шаҳрро гирифта, сардори шӯришгаронро ба қатл расонид. Вале пас аз шаҳрро тарк кардани Шайбонихон мардум боз шӯриш бардошт. Феодалон дар ин лаҳза ташаббусро ба дасти худ гирифтанд, онҳо ният доштанд, ки ин шӯришро ба манфиати Темуриён истифода баранд. Онҳо аз ҳокимони ҳамсояи темурӣ мадад хостанд. Шайбонихон дубора ба Қарокӯл қӯшуни сершуморе фиристод. Муҳорибаи ниҳоятдараҷа шадид ба амал омад, фуқарои шаҳр диловарӣ ва қаҳрамониҳои бемислу монанде нишон доданд. Дар охири охирон Шайбониён шаҳрро ишғол намуда, онро ба кушторгоҳи ҳақиқӣ мубаддал карданд. Сипас, ба мақсади тарсонидани чашми мардум бо амри Шайбонихон аз сари қарокӯлиҳои мақтул дар Бухоро калламанора сохта шуд[5].

Муддате чанд Шайбонихон барои аз хатар эмин намудани ақибгоҳи худ чораҳои лозима дида, пас ба истилои мулкҳои ҷанубии Темуриён камар баст. Дар ин ҷо ҳам ҳамон вазъияти парокандагии қувваҳои ин хонадон ба истилокорон мадад расонид. Ҳокимони вилоятҳои мухталиф ин дафъа ҳам нахостанд ба ҳам муттаҳид шаванд. Ҳисси нобоварӣ ба якдигар, иғво, суиқасд ва хиёнати ошкоро заминаҳои мусоиди истилоро фароҳам овард. Шайбонихон

---

[3] Ҳамон ҷо, с. 109.
[4] Ҳамон ҷо.
[5] Мукминова Р. Г., 1950, с. 13–14.

аз чунин вазъият ба хубӣ истифода бурда, ба яке ваъдаи подош медод, ба дигаре сиёсат мекард ва худ ба василаи тохтутозҳои бемалол, тороҷ ва ғорати мардум оҷизӣ ва нотавонии Темуриёнро нишон медод ва дар байни онҳо кайфияти мағлубиятро ҷорӣ менамуд.

Дар вилояти хеле калоне, ки марказаш Ҳисор буд, Хусравшоҳ ҳукмронӣ мекард. Чун замоне ӯ ба дараҷае иқтидор пайдо намуда, ба худраъйӣ ва сарватмандӣ шуҳрат ёфта буд, шаҳзодагони темурӣ дар ин лаҳзаи душвор барои кумак ва пуштибонӣ ба вай рӯ оварданд. Вале ӯ нисбат ба вазъияти мавҷуда нодонӣ ва нофаҳмии тамом зоҳир намуд: ба ҷойи муттаҳид шудан бо Темуриён ва ё лоақал кумак расондан ба онҳо, ки борҳо илтимосаш карда буданд, аз тарси даъвоҳои онҳо роҳи макру фиребро пеш гирифт ва дар натиҷа комилан дар ҳолати ҷудоӣ ва танҳоӣ монда, аз аввалин хабари ҳаракати қӯшуни Шайбонихон ба Ҳисор буздилона фирор кард. Қаламрави ӯ, ки ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, қисмати шимолии Афғонистон ва ҷануби Ӯзбекистонро фаро мегирифт, ба осонӣ ба таҳти тасарруфи Шайбонихон даромад. Дере нагузашта, соли 1505 Хоразм ҳам аз тарафи қӯшуни Шайбониён ишғол карда шуд.

Навбати забти пойтахти дигари Темуриён – Ҳирот расид. Султон Ҳусайн фақат акнун то чӣ андоза ҷиддӣ будани хатари таҳдидкардаистодаро дарк намуда, бо қувваи асосии худ ба муқобили Шайбонихон равона шуд. Вале ӯ, ки пир ва бемор буд, дар роҳ вафот намуд. Дар байни асилзодагони темурӣ низоъу нифоқ ба амал омад. Дар натиҷа, якбора ду писари Султон Ҳусайнро ба тахт нишонданд, ки онҳоро ду гурӯҳи ашрофи соҳибнуфуз пуштибонӣ мекарданд. Шайбонихон аз ин дигар шароити мувофиқро орзу ҳам карда наметавонист. Ин буд, ки Бобур навиштааст: «Ин амрест ғариб: ҳеҷ гоҳ касе нашунидааст, ки дар як мулк ду подшоҳ якҷоя ҳукмронӣ кунанд»[6].

То ҷамъ кардани қӯшун, то тамом шудани баҳсу мунозираи наздикони ду подшоҳ, ки ба як қарор омада наметавонистанд, Шайбонихон Балхро забт намуда, ба хок яксон кард ва зуд ба тарафи Ҳирот раҳсипор гардид. Ӯ дар наздикии шаҳр қӯшуни ба ҷанг хуб омоданашудаи темуриро мағлуб намуд[7].

Бисёр амирону амалдорон аз майдони ҷанг ва баъзеҳо аз шаҳр гурезон шуданд. Ҳар ду подшоҳ ҳам–яке ба ғарб ва дигаре ба шарқ фирор карданд. Рӯҳониёни олимақом ва аъёну ашроф бо ҳам машварат намуда, ба Шайбонихон хатти таслим ва итоат фиристоданд. Аҷобат дар ин ҷост, ки ин номаро муаррихи маъруф, нигорандаи асари калони таърихии «Ҳабиб-ус-сияр» – Хондамир иншо намудааст. Фақат аҳолии шаҳр андаке муқовимат нишон доданд. Онҳо ногаҳон ҳамла карда, қариб сесад нафар ӯзбекро, ки дар атрофи Ҳирот машғули яғмогарӣ буданд, нобуд сохтанд.

Дар айни замон, Шайбониён ба вакилони ашрофу рӯҳониён шарту шароити супурдани Ҳиротро пешниҳод карданд: мардуми авом ва пешаварон мебоист ба тариқи товон маблағи калоне мепардохтанд, аз аъёну ашроф ба сифати инъом ва бахшиш пули зиёде ситонда мешуд. Аммо мусодара, асосан, ба молу мулки сулолаи мағлуб ва ашрофи наздики он дахл мекард.

[6] Бобур, 1958, с. 212.
[7] Барои тафсили забти Ҳирот ва воқеаҳои минбаъда ниг.: Болдирев А. Н.,1957, с. 59 ва давомаш.

Дар як муддати кӯтоҳ шаҳру вилоятҳои боқимонда то худи Астаробод забт карда шуд. Дар тамоми шаҳрҳои калони давлати собиқаи темурӣ – Самарқанд, Бухоро, Марв, Сарахс, Балх, Ҳирот, Машҳад, Нишопур, Тӯс, Нимрӯз ва Астаробод пулҳои нуқраро ба номи фотеҳи нав сикка заданд. Шайбонихон ҳам ба ин аҳамияти бузурги сиёсӣ медод, зеро ин амр маънии расман ба сари тахти подшоҳӣ омадани ӯро дошт.

Шайбонихон нияти истилои давлати Темуриён ва тасарруфи сарзамини бузургеро дар дил парварида, ба хубӣ ангошта буд ва дар ҳусули ин мақсад фақат муваффақиятҳои ҷангӣ кофӣ нест. Ӯ намояндагони хонадони Темуриёнро бераҳмона таъқиб ва маҳв намуда, аз қадамҳои аввал барои ба тарафи худ кашидани феодалону рӯҳониёни бонуфуз саъй кард. Зоҳиран, ин усул ба ӯ бештар аз силоҳи ҷангӣ зафар ва пирӯзӣ овард. На фақат худи ӯ, балки наздиконаш ҳам мефаҳмиданд, ки танҳо ҳокимият дигар мешавад, аммо муқаррароти зиндагӣ ба ҳар ҳол мисли пештара боқӣ мемонад. Дар ин бобат ҳикояти Зайниддини Восифӣ, ки шоҳиди Ҳиротро гирифтани Шайбонихон буд, хеле ҷолиби диққат аст. Як амири ӯзбек ӯ ва ҳамроҳашро деҳқон пиндошта, ба онҳо фаҳмонданӣ мешавад, ки фақат хоҷае бо хоҷаи дигар иваз шудаасту халос. Хоҷаҳои нав барои зудтар барқарор шудани хоҷагӣ саъй мекунанд, зеро акнун замин ва деҳқонон ба онҳо «тааллуқ гирифт» ва «тарбияву нигоҳубин»-и деҳқонони дигар дар уҳдаи онҳост[8].

Сиёсати дохилии Шайбонихон пас аз истилои давлати темурӣ тамоман ба манфиати синфи ҳукмрон, синфи феодалоне, ки акнун ба таркиби он ашрофи тоифаҳои бодиянишини ӯзбек ҳам дохил шуда буд, хизмат мекард. Ҳатто тадбироти, зоҳиран, мусбати ӯ ҳам манфиати синфи ҳокимро ифода менамуд.

Худи Шайбонихон, муқаррабони ӯ, амирони тоифа ва ҳатто наздиктарин сипоҳиёнаш аз ҳисоби мусодираи молу мулки Темуриён, феодалони ашрофӣ ва рӯҳонии тарафдори онон ва ҳамаи касоне, ки ба суиқасди зидди Шайбониён гумон бурда мешуданд, хеле сарватманд гардиданд. Шайбонихон тамоми давлатро ба мулкҳо тақсим карда, ихтиёри онҳоро ба дасти хешовандон ва амирони номии худ супорид.

Ҷиҳати иқтисодии ин мулкҳои инъомӣ аз он иборат буд, ки мудохилот на ба хазинаи Шайбонихон, балки тамоман ё қисман ба дасти мулкдорони шаҳру вилоятҳо медаромад. Истилогарон зуд ҳис карданд, ки сарвати ғораткарда ва ҷабран ситонидаро дурудароз беҳаракат нигоҳ доштан хуб нест. Ба ин мулоҳиза онҳо ба харидани замин, иморатҳои шаҳр ва устохонаҳо сар карданд. Онҳо ҳамчунин дар ҳар вазъият моликияти аз ҳама устувор будани чизҳои харидаро фаҳмиданд. Бинобар ин аксар вақт моли ҷабран ситонидаи худро ҳамчун моли харида ба расмият медароварданд. Аҷобаташ ин ки гоҳо заминҳои зӯран кашидагирифтаро пас гашта додан ҳам лозим меомад[9].

Мусодира ва харид дар як муддати кӯтоҳ боиси ба дасти Шайбониён ва ашрофи ӯзбек гузаштани заминҳои зиёд, бисёр иморатҳои шаҳр, осиёбҳо ва дигар ҷойҳои сердаромад гардид. Ҳамин як мисол кофист: ҳанӯз дар солҳои 20-уми асри XVI келини (зани писари) Шайбонихон барои вақфи мадраса бештар аз 40 дӯкони косибӣ, тимча, 8 осиёб, устохонаи коғазрезӣ, анборҳо,

---

[8] Болдирев А. Н., 1957, с. 66.
[9] Мукминова Р. Г., 1966, с. 26 ва давомаш.

ҳавлиҳо, тақрибан 150 қитъаи замин, пурра ё қисман 6 деҳа ва ғ. дода тавонист.[10]

Ҳамин тариқа, Шайбониён ва ашрофи тоифаҳои бодиянишини ӯзбек ва калонтарин феодалони заминдор ба шахсони манфиатбари касбу ҳунар ва тиҷорати шаҳр табдил ёфтанд. Манфиатҳои иқтисодии онҳо аз манфиатҳои феодалони ашрофӣ ва рӯҳонии ирсии Осиёи Миёна, ки дар замони Шайбониён заминҳои меросӣ ва сарватҳои шаҳрии пешинаи худро нигоҳ дошта буданд, қариб ҳеҷ фарқ намекард.

Ислоҳоти пулие, ки Шайбонихон дар соли 1507 ба амал овард[11], аз кӯшишҳои ӯ дар бобати ба тарафи худ ҷалб кардани табақаҳои ҳокими давлати истилокардааш ва ба ин васила васеъ намудани базаи синфии худ гувоҳӣ медиҳад.

Касбу ҳунар, тиҷорат ва муомилоти пулӣ аз муҳимтарин моддаҳои оидоти давлатӣ ва мадохили соҳибони мулк ба шумор мерафт. Охирин намояндагони сулолаи Темуриён аз ин модда ба таври хеле васеъ ва беибо истифода мекарданд, ба дараҷае ки муомилоти пулӣ аз манфиати тиҷорат дур гардида, ба инкишофи муътадили он халал мерасонид ва ин вазъият ба соҳаи пешаварӣ ҳам таъсир накарда намемонд. Ин бар зарари манфиати на фақат пешаварон ва майдасавдогарон, балки тамоми синфи ҳоким ҳам буд, чунки дар ҷамъияти феодалии Осиёи Миёна феодал дар айни замон тоҷир ҳам ба шумор мерафт, ӯ на танҳо соҳиби замини шаҳру қишлоқ буд, балки коргоҳҳои мухталифи ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ ҳам дошт ва, аз ин рӯ, дар тиҷорати дохилишаҳрӣ ширкат менамуд ва дар тиҷорати байнивилоятӣ ва байналхалқӣ симои асосӣ ҳисоб мешуд[12].

Ислоҳоти Шайбонихон дар тамоми давлат муомилоти ягонаи куллиро ташкил карда, онро аз ҳар гуна тағйирот раҳо намуд. Вай вазн, ҳаҷм ва навъи сиккаҳои нуқрагию мисӣ ва муносибати байни онҳоро муайян кард. Ин сиккаҳо дар ҳамаи шаҳрҳо ва дар ҳамаи вилоятҳо қувваи баробар доштанд, соҳибони мулкҳо наметавонистанд ба муомилоти баробари онҳо монеае ба вуҷуд оваранд, қурби онҳоро мувофиқи табъи худ баланд ё паст кунанд.

Табиист, ки чунин ислоҳот дар тамоми мамлакат таъсироти бузурги сиёсӣ ба амал овард ва бартарии чорабиниҳои фотеҳи навро нисбат ба фаъолияти молиявии намояндагони охирини Темуриён нишон дод. Бесабаб набуд, ки фармони ислоҳот фавран пас аз суқути Ҳирот – дувумин пойтахти Темуриён эълон карда шуд. Дар қатори дигар чорабиниҳои нисбатан ҷузъии Шайбонихон, ки барои муътадил гардонидани ҳаёти дар натиҷаи амалиёти ҷангӣ халалдоршуда нигаронида шуда буданд, ислоҳоти соли 1507 мебоист дафъатан ба ҳамаи табақаҳои синфи ҳукмрон нишон медод, ки аз ивазшавии сулола онҳо на ин ки зарар диданд, балки бурд карданд, зеро Шайбонихон манфиати онҳоро мефаҳмад ва ҳимоя мекунад.

---

[10] Ҳамон асар, с. 41 ва давомаш.

[11] Давидович Е. А., 1954, с. 85 ва давомаш.

[12] Иванов П. П., 1954, с. 42–43. Давидович Е. А., 1961 а, с. 40–42.

## Муборизаи байни Шайбониён ва Бобур

Дар сарзамини паҳновари давлати Шайбониён чанд сол сулҳу осоиш ҳукмфармо гардид ва ба ин восита ҳаёти хоҷагии мамлакат қадре рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Вале дар соли 1510 якбора аз ду самт – ҳам аз шимоли шарқӣ ва ҳам аз ҷануби ғарбӣ ин оромӣ халалдор карда шуд. Бодиянишинони қазоқ, ки замоне аз Шайбонихон сахт шикаст хӯрда буданд, бо муғулҳо як шуда, дар наздикии дарёи Сир ба салтанати Шайбониён зарбаи ҳалокатовар расониданд. Дар худи ҳамин вақт подшоҳи Эрон – Исмоили 1 аз ғарб ба тарафи Хуросон лашкар кашид. Вай дар сари роҳи худ яке аз паси дигаре шаҳрҳоро ишғол карда, фотеҳона ба сӯйи Ҳирот ҳаракат намуд.

Исмоили 1 аслан аз хонаводаи сӯфияи шаҳри Ардабил буд. Чун аз байни шайхони ин хонадон, хусусан, Сафиуддини Исҳоқ ба «порсоӣ» ном бароварда буд, тамоми авлоди ӯ ва аъзои тариқати дарвешия ба худ номи «сафавӣ»-ро гирифта, пас аз қадам гузоштан ба арсаи сиёсат бо унвони сулолаи «Сафавиён» шуҳрат ёфтанд. Дар асри XV пуштибони асосии ин сулола тоифаҳои бодиянишини турк буданд, ки дар хиттаи Озарбойҷони Эрон зиндагонӣ мекарданд. Ононро ба озарӣ «қизилбош»–«сурхсар» меномиданд, зеро сарбозони бодиянишин ба хотири 12 имоми шиа саллаи 12-рахи арғувонидоштаро ба сари худ мебастанд. Ин тоифаҳо ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ тобеи шайхони сафавӣ буданд. Шайхони сафавӣ дар сеяки охири асри XV аввал ба кишварҳои ғайриисломӣ тохтутозҳои ғоратгарона карда, баъдтар ба муборизаи зидди баъзе ҳукмронони мусулмон низ шурӯъ намуданд. Вале аз байни онҳо фақат ба Исмоили 1 муяссар гардид, ки пирӯзӣ ба даст оварад: ӯ Табрезро забт карда, онро пойтахти худ қарор дод ва дар соли 1501 унвони шаҳаншоҳи «Эрон»-ро ба худ гирифт. Қизилбошҳо бо сардории Исмоили Сафавӣ аз низоъҳои байнихудии хонадонҳои мухталиф истифода намуда, дар як муддати кӯтоҳ тамоми қисматҳои ғарбии Эронро ба таҳти тасарруфи худ даровcovarданд.

Ду давлат – Шайбониён ва Сафавиён дар ҳамсоягии якдигар воқеъ гардиданд. Вале дар байни онҳо аз сулҳу сафо асаре набуд. Сарони ин ду салтанат ба мақсадҳои сиёсии худ ранги мазҳабӣ медоданд: Шайбонихон дар қаламрави худ ба муқобили шиаҳо мубориза мебурд, дар сурате ки Исмоил ва қизилбошҳо шиаҳои мутаассиб буданд.

Шайбонихон барои муқовимат кардан бо шоҳ Исмоил қалъаи Марвро такягоҳ интихоб намуда, қӯшуни худро ба он ҷо ақиб кашид ва фавран аз қувваҳои ҳарбии ҳамқавмонаш кумак хоста, худ ба мустаҳкам кардани истеҳкомоти шаҳр машғул гардид. Шоҳ Исмоил аз ин кор воқиф шуда, ба зудӣ худро ба Марв расонид ва бо қувваи зиёде онро муҳосира намуд. Азбаски қалъаи Марвро бо ҷанг фатҳ кардан хеле душвор буд, шоҳ Исмоил фиребе ба кор бурда, қувваи худро аз муҳосира гирифт ва чунон вонамуд кард, ки гӯё ақибнишинӣ мекунад. Шайбонихон ин бор саҳви барои сарлашкари корозмуда афвнопазире содир намуд: ӯ ба ин ҳилаи шоҳ Исмоил фирефта шуда, аз қалъа берун баромад ва бо андак қуввае вайро таъқиб кард, дар натиҷа ба иҳотаи душман афтода, тамоми сарбозонашро талаф дод ва худ дар майдони ҷанг кушта шуд. Исмоил аз косахонаи зарандудаи сари Муҳаммад Шайбонихон барои худ ҷоми шароб сохт.

Шоҳ Исмоил ба муқобили Шайбониён на фақат бо силоҳ мубориза бурд, балки тамоми тадбироти дипломатии худро ба кор андохт. Ӯ бозмондагони хонадони темуриро бо ҳар роҳ ташвиқ менамуд, ки барои мулки падару бобоёни худ талош кунанд. Дар ҳоле ки намояндагони бонуфузи сулолаи Шайбониён ба ҳалли масъалаи вориси тахти салтанат саргарм буданд, Темуриён Фарғонаро ишғол намуданд. Бобур, ки то ин вақт мавқеи худро дар Кобул мустаҳкам карда буд, фавран бо роҳи Қундуз ба сӯйи Ҳисор ҳаракат кард. Муҳорибаи ҳалкунандаи Пули Сангин дар дарёи Вахш (дар он ҷое, ки ҳоло Неругоҳи барқи обии Норак сохта шудааст) бо ғалабаи Бобур анҷом ёфт. Тамоми ноҳияҳои марказии Мовароуннаҳр бидуни ҷанг ба таҳти тасарруфи ӯ даромаданд. Худи султонҳои шайбонӣ ҳам аз муқовимат даст кашида, шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Қаршӣ ва ғ.-ро ба ихтиёри Бобур вогузоштанд.

Ғалабаи ба осонӣ дастдода Бобурро рӯҳбаланд ва дар айни замон як дараҷа фориғбол ҳам намуд. Мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳо, Бобур ва наздикони ӯ, ҳатто сарбозонаш ҳам ба базму зиёфат ва айшу ишрат машғул шуданд. Ин ҳама маблағи зиёдеро талаб мекард ва Бобур барои пайдо кардани он аз ҳеҷ чиз рӯй намегардонид. Як мисоли нисбат ба вазъи худ хеле бепарвоёна муносибат кардани Бобур дар зарби сикка ҳилаву найранг ба кор бурдан ва меъёри муомилоти пулии муқарраркардаи Шайбонихонро вайрон кардани ӯст. Аз ин амали Бобур тамоми табақаҳои ба харидуфурӯш сарукордоштаи ҷамъият зарар кашиданд. Қӯшуни чандинҳазорнафараи Бобур, ки таъминоти он аз ҳисоби аҳолӣ муқаррар гардида буд, тамоми буду бозёфти мардумро ба ғорат бурд. Вале Бобур, ки аз талхиҳои рӯзгори гузаштаи худ сабақ гирифта буд, ба кам кардани сарбозони худ ҷуръат намекард. Махсусан, дастаҳои қизилбош, ки шоҳ Исмоил ба кумаки Бобур фиристода буд, боиси норизоиятии аҳолӣ мегардиданд. Кайфияти шиапарастии Бобур ва инро бебокона намоиш додани ӯ ба онҳо ҳеҷ маъқул набуд.

Табақаҳои васеи Бухоро ва Самарқаяд ба сари кор омадани Бобур ва пирӯзиҳои ӯро бо хушнудӣ истиқбол карда буданд. Вале ним сол ҳам нагузашта, вай аз чунин пушту паноҳи муқтадир маҳрум гардид ва чашми умед фақат ба қӯшуни гуногунхаёли худ дӯхта монд. Аммо ҳамин пуштибони ягона ҳам ба дарди ӯ барнахӯрд. Баҳорони соли 1512 бародарзодаи Шайбонихон, ҷавони хеле ғаюр ва шуҷоъ – Убайдулло султон ба дигар намояндагони хонадони шайбонӣ аз ваҷҳи сар кардани ҷанги нав баҳри Мовароуннаҳр чизе нагуфта, худ бо қӯшуни начандон калон ба Бухоро ҳамлавар шуд. Ва ба ҳайрати ҳамзамонони худ, дар набарди шадид бар қӯшуни миқдоран чандин мартаба афзунтари Бобур ғалабаи қатъӣ ба даст овард.[13]

Бобур ба Ҳисор фирор намуд. Тирамоҳи ҳамон сол, вақте ки қӯшуни пуршумори қизилбош ба ёрии ӯ расид, барои дубора ба даст даровардани Мовароуннаҳр охирин кӯшиши худро ба кор бурд. Қувваҳои аскарии ӯ дар хоки Мовароуннаҳр чун мӯру малах ҳаракат мекарданд, гӯё ки ба ин сарзамин

[13] Манбаъҳои форсӣ ин марҳилаи муборизаи байни Шайбониён ва Бобурро таври дигар тасвир менамоянд, вале бояд ба муосирон ва шоҳидони воқеа бештар бовар кард (Семёнов А. А., 1954г., с. 127–131). Катибаи Бобур ба ҳамин давраи ҳаёти ӯ тааллуқ дорад (ниг.: Мухторов А., 1960).

офати табиӣ рӯ оварда бошад. Онҳо ба ҳар ҷое, ки по мегузоштанд, сокинонашро аз дами теғ мегузарониданд. Хусусан, қатли оми аҳолии Қаршӣ ба худ манзараи даҳшатангезеро гирифта буд. Ниҳоят, дар назди Ғиждувон ба Шайбониён муяссар гардид, ки қизилбошҳоро комилан торумор намоянд.[14]

Қатлу куштори ваҳшиёнаи мардуми Қаршӣ ҳатто норозигӣ ва эътирози муаррихони тамоюли сафавиро низ ба вуҷуд овард. Ба замми ин, боз овозае паҳн шуд, ки қизилбошҳо тамоми аҳолии Самарқандро низ қир карданианд. Ҳамаи ин сабаб шуд, ки аҳолии маҳаллӣ ба атрофи Шайбониён муттаҳид гардида, нисбат ба онҳо ҳусни таваҷҷуҳ ва нисбат ба Бобур ҳисси нафрат пайдо кунанд.

## Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVI

Дере нагузашта Шайбониён ҳамаи вилоятҳои Осиёи Миёна: Тошканд, Фарғона, Ҳисор ва ғ.-ро аз сари нав ба зери тасарруфи худ гирифтанд. Вале сарзамини Осиёи Миёна тамоман ба харобӣ рӯ ниҳода буд. Ҳуҷуми қизилбошҳо, истибдод ва ғорати муғулҳо, қатли омҳо ба зиндагонии мардум ва ҳаёти хоҷагии мамлакат таъсири ҳалокатбор расониданд. Зимистони қаҳратуни соли 1512/13 ин аҳволро боз ҳам вазнинтар гардонид. Нарху наво баланд рафта, дар як қатор маҳалҳо қаҳтию гуруснагӣ рӯй дод. Дар сарчашмаҳо, махсусан, аҳволи табоҳи мардуми вилоятҳои Ҳисор ва Самарқанд батафсил баён ёфтааст.

Муғулҳо вилояти Ҳисорро ба куллӣ хароб намуда, тамоми ғалла ва чорвои аҳолиро тороҷ карданд, ки дар натиҷа гуруснагии даҳшатангезе рӯй дода, бисёр мардум аз гуруснагӣ ҳалок гардиданд[15]. Аҳволи халқ дар Самарқанд ва атрофи он бехтар аз ин набуд. Шоир ва нависандаи машҳур – Зайниддини Восифӣ, ки он вақтҳо дар Самарқанд зиндагӣ ба сар мебурд, аз зимистони сард ва қаҳтии соли 1512/13 чунин нақл менамояд: «Дар ин сол дар Самарқанд қаҳтӣ ва геронӣ ба дараҷае расид, ки халоиқ ба ҷуз қурси моҳу офтоб, ки дар дастархони фалак буд, дар дигар ҷой сурати нонро намедиданд ва гуруснагони фақир шабҳо ба ҷойи хӯшаи гандум, дар хаёли худ аз хирмани Парвин хӯша мечиданд». Восифӣ дар яке аз шеърҳояш ин қаҳтӣ ва гуруснагиро тасвир намуда, нисбат ба мардуми азияткашида хайрхоҳию ҳамдардӣ ва нисбат ба давлатмандони ҳарису бераҳм нафрат ва кароҳат иброз доштааст. Чунончи, ӯ дар бораи давлатмандон мегӯяд:

Гандум зи ҳар кӣ кас талабад, орд мекунанд
Аз зарби мушт рустаи дандони вай тамом[16].

Дар тимсоли зоғи ҳарису фориғбол худи Шайбонӣ тасвир ёфтааст:

Эй бод, агар ба ҷониби саҳро гузар кунӣ,
Аз ман калоғро бубарӣ тӯҳфаву салом.

[14] Ҷузъиёти ин воқеаҳо дар ҳар манбаъ, ба таври гуногун баён ёфтааст (Семёнов А. А., 1954 г., с. 131–136; Болдирев А. Н., 1957, с. 115–121),

[15] Семёнов А. А., 1954 г., с. 139.

[16] Иқтибос аз Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», с. 181.

В-он гаҳ бигӯ, ки қоқ чаро мекунӣ зи ҳирс,
Нонҳои хешро, ки шавад сабз бар давом.
Эй тойири хуҷиста, зи нонҳои хештан
Якчанд нон бидеҳ ба фақирон ба расми вом [17].

Аҳволи дигар вилоятҳои Осиёи Миёна аз ин беҳтар набуд. Онҳо низ ба майдони ҷангу ҷидолҳои хунин табдил ёфта, шоҳиди зуд-зуд иваз шудани ҳокимон мегардиданд. Шаҳрҳояшон борҳо ба муҳосира афтода, ҳар бор аз тарафи ҳокимони тарсу ба душман таслим мешуданд.

Вазъи хоҷагии пулӣ низ боиси афзудани гаронӣ мегардид. Ҳанӯз Бобур бо мақсади ба даст овардани нафъи бештаре дар кори пул дасисаҳои зиёде намуд. Шайбониён ба ҷойи он ки оқибатҳои суиистифодаи Бобурро барҳам диҳанд, кардаҳои ӯро намунаи ибрат қарор доданд. Дар натиҷа, тангаҳои нуқра аз саҳнаи тиҷорат берун рафта, ба ивази онҳо дар бозор қариб тамоман тангаҳои мис ҳукмфармо гардиданд. Вале дере нагузашта қурби ин тангаҳо низ шикаста, бозори онҳо торафт касод мешуд.

Ҳангоми тавсифи вазъияти ҳаёти хоҷагии онвақта инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки тоифаҳои бодиянишини ба сарзамини Осиёи Миёна омадаи ӯзбек беҳтарин яйлоқҳоро ишғол намуда, на фақат бодиянишинҳои маҳаллӣ, балки аҳолии муқимиро ҳам танг карда баровarданд. Ақидае мавҷуд аст, ки, умуман, дар асри XVI масоҳати заминҳои кишт хеле кам гардидааст.[18]

Мувофиқи одати Шайбониён, шахси аз ҳама калонсоли хонадон бояд сардори давлат мешуд. Ба ҳамин сабаб, пас аз он ки дар соли 1512 ҳамаи муддаиёни салтанат аз Осиёи Миёна ронда шуданд, ба сари ҳокимият на ин ки Убайдуллохон – обрӯмандтарин намояндаи хонадони шайбонӣ, балки Кӯчкунчихон омад, ки обрӯву эътибори казоӣ надошт, дар ҳукуматдорӣ шахси беҳунаре буд ва аксар вақти худро дар тоату ибодат мегузаронид. Баъди ӯ писараш – Абӯсаидхон ҳукмрон гардид ва фақат пас аз ин Убайдуллохон (1533–1539) имкони ба тахт нишастанро пайдо намуд.

Ҳанӯз дар аҳди Шайбонихон давлат ба амлок, яъне мулкҳои хоса тақсим шуда буд. Акнун ин тақсимот боз ҳам расмитар гардида, мулкҳо тамоман ба ихтиёри намояндагони хонадони салтанатӣ гузаштанд. Соҳибони амлок дар умури дохилии қаламрави худ истиқлолияти комил доштанд, онҳо акнун метавонистанд мулкро ба фарзандонашон мерос гузоранд. Амлок фақат дар натиҷаи нифоқи байнихудӣ гоҳо аз даст ба даст мегузашт. Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Балх, Ҳисор ва амсоли инҳо амлоки калонтарин маҳсуб мeёфтанд. Соҳибони ин мулкҳо дар вақтҳои гуногун ҳукмрони мамлакат ҳам гардидаанд, аз ҳама бештар ин маснад (дар нимаи аввали асри XVI) ба ҳокимони Самарқанд насиб шудааст. Аз соли 1560 Бухоро мустақиман пойтахти давлати Шайбониён гардид.

Се чоряки аввали аср давлати Шайбониён як давлати хоси амлокӣ буд, ки онро яке аз соҳибони мулк, сарфи назар аз иқтидор ва эътибори худ, бо номи хон ва хоқон идора менамуд. Ӯ фақат имтиёзҳои зоҳирӣ дошт: ба вай унвонҳои олӣ медоданд, хутбаро ба номи вай мехонданд ва дар сиккаҳо номашро сабт

[17] Восифӣ,- 1961, с.- 92.
[18] Абдураҳимов М. А., 1966, с. 260.

мекарданд.[19] Ин қоида то солҳои чилуми асри XVI давом намуд, баъдтар баъзе амлокдорон гоҳо сиккаҳоро ҳатто аз номи худ мебаровардагӣ шуданд, ки ин маънии на фақат исман, балки амалан ҳам соҳибихтиёр гардидани онҳоро дошт.

Дар аҳди се ҳукмрони аввал (Кӯчкунчихон, Абӯсаидхон ва Убайдуллохон) вазъи дохили давлат нисбатан собит ва барои барқарор намудану ба ҳадди эътидол даровардани хоҷагӣ шароити муайяне мавҷуд буд. Ҳукмронҳо ва соҳибони мулкҳо ҳатто дар пешбурди кори ҳамон ҷанбаҳои ҳаёти хоҷагӣ, ки бо манфиати синфи феодалҳо ва, албатта, худашон алоқае дошт, баъзе тадбирҳои муҳим пешбинӣ мекарданд. Дар ин бобат, хусусан, ислоҳоти пулие, ки дар замони ҳукмронии Кӯчкунчихон гузаронида шуда буд, ҷолиби диққат мебошад. Чи навъе ки қайд карда шуд, муомилоти пулӣ дар натиҷаи ҷангҳои харобкунандаи хоҷагии мамлакат ва найрангҳои Бобуру Шайбониён дар сикказанӣ ба вазъи буҳронӣ афтода буд. Ин ҳолат, умуман, ба кори тиҷорат таъсири бад расонида, манфиатҳои синфи феодалонро халалдор месохт ва ниҳоят даромадҳои худи Шайбониёнро аз тиҷорат ва муомилоти пулӣ кам мекард. Инак, зарурати ислоҳоти пулӣ ба миён омад, аммо дар шароити сохти амлокии давлат ва соҳибихтиёрии комили соҳибони мулк ба амал овардани ислоҳот амри маҳол буд. Охир кор ба ҷое расид, ки Кӯчкунчихон дар Самарқанд ва Убайдуллохон дар Бухоро, ҳар яке дар мулки худ, сиёсати мустақилонаи пулӣ ҷорӣ намуданд. Бештар аз даҳ сол лозим омад, ки муомилоти пулӣ дар миқёси тамоми давлат ба тартиб дароварда шавад.[20]

Боз як ҷиҳати муҳимми ин давра юришҳои Шайбониён ба Хуросон буд[21]. Ин юришҳо бештар дар аҳди Убайдуллохон ба вуқӯъ пайваст, зеро вай ҳамеша дар замири худ нияти барқарор кардани ҳудуди аввалаи давлати Шайбониёнро мепарварид. Ғайр аз ин, Шайбониён маҳз худро вориси қонунии Темуриён меҳисобиданд.[22]

Онҳо дар вақти лашкаркашиҳои худ ба забт намудани шаҳрҳои калон саъй мекарданд, дар навбати аввал диққати онҳоро Ҳирот ба худ мекашид. Дар воқеъ, онҳо се дафъа Ҳиротро ишғол карданд, вале ҳар бор ба нигоҳ доштани он муваффақ шуда наметавонистанд. Соли 1532 Шайбониён Ҳиротро муҳосира карданд, вале барояшон ишғоли он муяссар нашуд. Бо вуҷуди ин, тамоми шаҳрҳои калон то Астаробод ба таҳти тасарруфи онҳо даромад. Охирин юриши Убайдуллохон дар солҳои 1535–1537 сурат гирифт. Пас аз муҳосираи панҷмоҳа Ҳиротро забт карда, зиёда аз як сол дар дасти худ нигоҳ дошт. Ӯ ба мақсади мустаҳкам кардани ин ғалабаи худ хост, ки ба ҳукмрони давлати сафавӣ зарбаи сахт ворид оварад. Лекин султонҳои шайбонӣ, мисли ҳарвақта, ӯро дастгирӣ накарда, ба сӯйи мулкҳои худ ақиб нишастанро авло донистанд. Барои мустақилона тасмим гирифтан ҳатто қудрати чунин ҳукмрони соҳибэътибор, мисли Убайдуллохон, ки он вақт дар сари салтанат қарор дошт, намерасид.

[19] Дар назари муосирон хутба ва сикка чунон аломатҳои муҳимми ҳокимияти олӣ ба шумор мерафтанд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ ҳангоми баёни воқеаи ба сари ҳокимият омадани касе ин ду лаҳза ҳатман таъкид карда мешуд.

[20] Давидович Е. А., 1951 а, с. 106–120.

[21] Тафсили онро ниг.: Давидович Е. А., 1953 а, с. 97–106.

[22] Миклухо-Маклай Н. Д., 1952, с. 11 ва давомаш.

Юришҳои хуросонии Шайбониён аслан қасди ғоратро надошт, ҳарчанд ки иштирокчиёни ин юришҳо барои афзудани сарвати худ аз онҳо истифода мебурданд. Илова бар ин, чунонки дуруст қайд шудааст,[23] онҳо ба таври объективона шиддати ҷангу низоъҳои байнихудии Шайбониёнро бозмедоштанд. Ин буд, ки давлати Шайбониён дар ин давра бо он ҳама худсарӣ ва худкомиҳои соҳибони мулк ба арсаи ҷангу ҷидолҳои доимии байнихудӣ мубаддал нагардид. Албатта, лашкаркашиҳои чандинкарата ба сӯйи Хуросон, тадорукот ва таҷҳизоти юришҳо, бар иловаи хироҷу молиёт, ҳамчун бори гароне ба дӯши аҳолии Осиёи Миёна меафтод. Бо вуҷуди ин, авзои ин давра нисбатан оромтар ва шароити хоҷагидорӣ мусоидтар буд.

## Низоъҳои феодалон. Абдуллохони II ва «ҷамъ кардани мулкҳои хоса»

Аз солҳои чилуми асри XVI ҷангу низоъҳои феодалӣ як ҳодисаи муқаррарӣ гардид. Оташи нифоқ аввал дар байни амлокдорони калон фурӯзон шуда, баъд амлокдорони хурдро низ фаро гирифт: яке ғами муҳофизати мулки худро мехӯрд, дигаре дар садади тасарруфи мулки нав буд.

Ба тасвир ва тавсифи ин ҳама ҷангҳои сершумори феодалон, гурӯҳсозӣ ва гурӯҳбозиҳои султонҳо ҳоҷате нест.[24] Фақат ҳаминро хотирнишон мекунем: султонҳои шайбонӣ аксар вақт ҳатто дар масъалаи вориси тахт ҳам мувофиқат ҳосил карда наметавонистанд ва сардори давлат ҳамчун амлокдори муқаррарӣ дар ҷангҳои байни феодалон иштирок менамуд. Гоҳо чунин воқеъ мегардид, ки баъзе султонҳо на фақат сардори давлатро эътироф намекарданд, на фақат бо ӯ ва тарафдоронаш меҷангиданд, балки ҳатто ба худ рутбаву унвонҳои олиро нисбат дода, хутбаро ба номи худ мехононданд ва дар сиккаҳо номи худро сабт мекунонданд. Гоҳо чунин ҳодисае ҳам рӯй медод, ки ҳар як тарафи муқобил подшоҳи худро эълон мекард ва ба ин тариқа дар мамлакат як навъ дуҳокимиятӣ ба вуҷуд меомад. Яке аз ҳамин қабил рӯйдодҳо бо номи ҳокими Ҳисор – Темур Аҳмад алоқаманд аст. Чунонки тазаккур ёфт, Ҳисор аз калонтарин мулкҳои хосаи давлати Шайбониён буд. Дар вақте ки ҳокими Тошканд – Наврӯз Аҳмадхон ба тахти салтанат нишаст, ҷангҳои байнихудӣ хеле авҷ гирифт. Дар ин маврид сардори давлат на ин ки роли оштидиҳандаро бозид, балки худаш ташаббускори сар задани низоъву нифоқ гардид. Оқибат ду гурӯҳи асосии мухолифи якдигар ба вуҷуд омад: хонадони амлокдорони тошкандӣ бо сардории хоқон – Наврӯз Аҳмадхон ва гурӯҳе, ки дар сари он Абдулло султони ҷавон меистод. Дар чандин муҳосира ва муҳорибаҳо Наврӯз Аҳмадхон бар Абдулло ғолиб омада, ӯро ба ақибнишинӣ маҷбур кард ва ҳатто мулки падараш – вилояти Миёнколро, ки дар байни Бухоро ва Самарқанд воқеъ буд, бо маркази он шаҳри Кармина забт намуд.[25]

Пас аз фавти Наврӯз Аҳмадхон, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, волии Балх ва амаки Абдулло – султон Пирмуҳаммадхон тахти салтанатро соҳиб шуд. Аммо мадракҳои сиккашиносӣ ба тавсифи ҳаводиси сиёсии он

---

[23] ИТН, II, 1, 1964, с. 372.

[24] Тафсили онро ниг. Веляминов – Зернов В. В., 1859; Вяткин В. Л., 1927.

[25] Веляминов – Зернов В. В., 1859, с. 379–386.

замон тағйироти ҷолибе медароваранд.[26] Маълум мешавад, ки ду гурӯҳи мухолифи собиқа ба таври худ ду хоқонро ба маснади ҳукумати олӣ менишонанд: хонадони амлокдорони тошкандӣ ҳокими Ҳисор – Темур Аҳмадро сардори давлат хонда, сиккаро бо номи ӯ мезананд, гурӯҳи Абдулло султон бошад, узви хонадони ӯ амакаш – Пирмуҳаммадро сардори давлат эълон мекунанд ва охири охирон пирӯзӣ насиби ин гурӯҳ мегардад.

Дарвоқеъ, ин аввалин ғалабаи калони сиёсии Абдулло султон буд. Пас аз ин ӯ боз як қатор муваффақияти ҳарбӣ ва сиёсӣ ба даст овард. Дар навбати аввал амлоки хонадони худ Миёнколро бозгардонид, сипас писарони Наврӯз Аҳмадхонро аз Самарқанд ронда, дар соли 1557 Бухороро тасарруф намуд. Дере нагузашта, Абдулло аз нифоқи Балх (писари Пирмуҳаммадхон дар вақти набудани падараш ин шаҳрро ғасб кард) истифода бурда, падарашро аз Кармина ба Бухоро хонд ва дар соли 1560 ӯро сардори давлат эълон намуд,[27] ҳарчанд ки амакаш Пирмуҳаммадхон зинда буд ва Балхро дубора ба даст даровард ва мебоист то охири умр дар маснади хоқонӣ мемонд. Аммо ӯ дигар пир шуда, мубталои ташвишҳои хонавода гардида буд ва, аз ин рӯ, барои дубора баргардонидани тахти салтанат ҳатто кӯшише ҳам зоҳир накард. Падари Абдулло – Искандар фақат исман ҳукмрон буд, амалан зимоми ҳокимиятро Абдулло дар дасти худ нигоҳ медошт. Ягона душмани ашадии сиёсии вай хонадони амлокдорони Тошканд маҳсуб меёфт.

Абдулло, ки акнун ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз истиқлолияташро маҳдуд намекард, собитқадамона ва бо ҷидду ҷаҳди тамом ба кори минбаъдаи «ҷамъ кардани мулкҳои хоса» иқдом намуд. Соли 1573 Балх, соли 1574 Ҳисор, соли 1578 Самарқанд ва ниҳоят соли 1582 Тошкандро ба таҳти тасарруфи худ даровард. Соли 1583, пас аз фавти падар, Абдулло (ки бо номи «Абдуллохони II» маъруф гардидааст) бархилофи русуми мавҷуда, ки мебоист фарзанди калонии хонадон ба тахт менишаст, ҳукмрони мамлакат эълон карда шуд. Акнун ӯ амалан ва расман ба тамоми ҳуқуқи ҳукмрони мутлақи салтанат соҳиб гардид. Ӯ дар байни хоқонҳои шайбонӣ ягона касе буд, ки дар мубориза зидди худсарии соҳибони мулк муваффақ шуда, давлати то як андоза мутамарказ ба вуҷуд оварда тавонист.

Вале Абдуллохони II бо ин ҳама қаноат накарда, орзуи ба қаламрави худ баргардонидани ҳамаи он мулкҳоеро, ки замоне сарсилсилаи ин хонадон – Муҳаммад Шайбонихон фатҳ карда буд, дар дил мепарварид. Дар ҳақиқат ҳам, бархилофи пешгузаштагони бетолеаш, ӯ дар ин роҳ пирӯзиҳои намоён ба даст овард. Яке аз сабабҳои ин муваффақият, албатта, ҳокимияти номаҳдуди ӯ буд, ягон иқдоми вай ба нозу нуз ва қарори дигар аъзои хонадони салтанатӣ вобастагӣ надошт.

---

[26] Давидович Е. А., 1952, с. 27–36.

[27] Чунин русуми варосати тахти салтанатро шоҳиди воқеаҳои он замон Ҳофизи Таниш дар асари худ «Абдуллонома» нақл намудааст. В. В. Веляминов – Зернов (1859, с. 392–395) дуруст қайд мекунад, ки баёноти муаррихи асрҳои баъдина Муҳаммадюсуфи Мунши тамоман ғалат буда, аз таҳрифот иборат аст. Барои тақвияти ин фикри В. В. Веляминов–Зернов бояд илова кард, ки мадракҳои зиёди дар давоми асри гузашта ҷамъшудаи сиккашиносӣ (ниг. хулосаи ахбори охирин: Lowick N.M., 1966) нақли Ҳофизи Танишро, фақат бо қадре возеҳу равшантар сохтани баъзе маълумоти ӯ комилан тасдиқ менамоянд.

Дар соли 1584 Абдуллохони II Бадахшонро забт кард. Соли 1588 Ҳирот ва пас бисёр шаҳрҳои дигари Хуросон ба тасарруфи ӯ даромаданд. Фатҳи Хоразм қувват ва вақти зиёдеро талаб намуд: ӯро лозим омад се мартаба ба он ҷониб лашкар кашад, то ки ниҳоят соли 1595 камубеш дар он ҷо ҳокимияти худро барқарор созад.

Ба анҷом расидани ҷангҳои байнихудӣ ва ба дараҷаи муайян марказият ёфтани давлат барои ба ҳолати муқаррарӣ даровардани ҳаёти хоҷагӣ баъзе заминаҳои мусоид фароҳам намуд. Абдуллохони II, зоҳиран, ходими барҷастаи давлат буд. Дар нақлу ривоятҳои халқӣ таъмиру бинокориҳои зиёде, аз қабили сохтмони иншоотҳо, роҳҳо, сардобаҳо, пулҳо, корвонсаройҳо, тимҳои тиҷорат ва амсоли инҳо ба номи ӯ марбут гардидаанд. Ин нақлу ривоятҳо асоси воқеӣ доранд.

Дар сарчашмаҳо баъзе корҳои обёрӣ ёдоварӣ мешаванд, ки бо амри ӯ анҷом ёфтаанд. Чунончи, дарғоти Нурато барои пешгирии сел, таъмири каналҳои ноҳияи Саврон, обанбори канори дарёи Кушка, пули дар наздикии Ғиждувон будаи Зарафшон, ки, аз афташ, ба мақсади бардоштани об ва ба ҷӯйборҳо тақсим намудани он низ хизмат мекард, аз ҳамин қабиланд[28].

Абдуллохони II ба масъалаи тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ диққати махсус медод. Инро ободонии роҳҳои корвонгард ва, умуман, беҳтар намудани шароити тиҷорат, ки дар аҳди ӯ ба вуқӯъ пайвастаанд, собит менамоянд. Дар ин бобат ислоҳоти пулии ӯ, вазифа ва натиҷаҳои объективии он хеле ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд.[29]

Ҷангу низоъҳои муттасили феодалие, ки тақрибан муддати панҷоҳ сол дар сарзамини Осиёи Миёна давом карданд, барои тиҷорат ва гардиши пул вазъияти хеле номусоид ба миён оварданд. Ҳокимони мустабид ва худсари мулкҳои хоса дар масъалаи пул ҳам сиёсати мустақилонаи худро ҷорӣ кардан мехостанд, то ки аз ин моддаи даромад низ ҳар чӣ зиёдтар фоида ба даст оранд. Онҳо ҳамаи муқаррароти муомилаҳои давлатиро вайрон карданд. Инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки дар натиҷаи ба дараҷаи лозима набудани истихроҷи маъдан ва аз хориҷа ворид нашудани он эҳтиёҷ ба моводи нуқра дар мамлакат торафт бештар ба миён меомад. Дар чунин шароит аз тарафи ҳокимони мулкҳои хоса густохона сикка задан ва ба гардиш андохтани пулҳои нуқра боиси он гардид, ки захираи онҳо дар муомилоти тиҷоратӣ тадриҷан кам шудан гирифт. Пулҳои нуқра бо ду роҳ нопадид мегардид: як қисми онҳо «барои рӯзи нек» пинҳон карда мешуд, қисми дигари онҳо аз пайи фоидае ба хориҷа мерафт. Ин тариқа коҳиш ёфтани нуқра дар ҳолати эҳтиёҷи зиёда ба он таносуби байни мису нуқраро дар харидуфурӯш тағйир дода, сабабгори аз ҳам ба дараҷаи зиёд тафовут кардани арзиши бозорӣ ва расмии давлатии сиккаҳои нуқра гардид.

Буҳрони муомилоти пулӣ ба андозае тундутез гардида буд, ки мудохилаи ҷиддиро талаб мекард. Ин вазъиятро маҳз ислоҳоти пулии Абдуллохони II бартараф намуд. Дар манбаъҳои хаттӣ аз ин хусус маълумоти бевосита мавҷуд нест. Фақат дар «Абдуллонома»-и Ҳофизи Таниш ба таври мубҳам гуфта шудааст, ки Абдуллохони II бодиққат назорат мекард, то дар зарробхона

[28] Бартолд В. В., 1965 а, с. 153, 200, 226; Чехович Д., 1954, а, с. 106.
[29] Давидович Е. А., 1951 а, с. 120–141.

сиккаҳои тиллоро бо омезиши филизи паст вайрон насозанд. Дар ҳақиқат ҳам, Абдуллохони II зарби сиккаҳои тиллои асилро ба роҳ гузошт. Вале қисмати муҳимми ислоҳоти ӯ ба зарб ва гардиши сиккаҳои нуқра алоқаманд аст. Барои амалӣ шудани ин тадбироти ӯ марказият ёфтани давлат, ки дар натиҷаи он бисёр зарробхонаҳои амлоки хоса баста шуданд, мусоидат намуд. Акнун пулҳое, ки асосан дар Бухоро баровmaрда мешуданд, аз «садди мулкӣ» берун омада, дар саросари давлат баробар ба гардиш даромаданд. Нархи бозорӣ ва расмии пули нуқра бо ҳам мувофиқат пайдо намуд. Ба ин васила коҳиши нуқра дафъатан боздошта шуд. Ислоҳоти пулӣ ҳам ба манфиати тиҷорат ва ҳам ба манфиати давлат гардид. Пас аз ин даромади зарби сикка асосан ба хазинаи Абдуллохони II рехтан гирифт.

## 2. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Моликият ва истифодаи замин

Дар асри XVI замин аз рӯйи ҳуқуқи моликият, мисли пештара, ба 5 категория тақсим мешуд. Истилокориҳои Шайбониён дар ин ҷиҳатягон дигаргунии ҷиддие ба миён наовард. Бо вуҷуди ин, баъзе ҳодисот ва тамоюлоти наверо бояд қайд намуд. Замини давлатӣ ҳамоно аз калонтарин категорияҳо маҳсуб меёфт ва он захираи асосӣ, вале на ягонаи мулки инъомӣ, яъне заминдории шартии феодалиро ташкил мекард. Навигарӣ ин буд, ки акнун заминҳои давлатӣ ба таври табиӣ аз нав тақсим карда мешуданд. Дар асри XVI соҳибони асосии заминҳои инъомии давлатӣ гурӯҳи нави синфи феодалон: аъзои сершумори хонадони салтанатӣ ва табақаи болои бо Шайбониён омадаи тоифаҳои саҳронишини ӯзбек гардиданд.

Чунонки хотирнишон гардид, давлати Шайбониён аз маҷмӯи мулкҳои хоса фароҳам омада буд. Асоси иқтисодии ин «мулкият» иборат аз он буд, ки мулкдор метавонист хироҷу андозҳои замини давлатии ба тариқи инъом соҳибшудаашро тамоман ё қисман (ҳар ду навъ ҳам маъмул буд) ба нафъи худ ҷамъоварӣ намояд. Мулкҳои калони инъомшударо дар асри XVI низ «суюрғол» меномиданд.[30] Соҳибони чунин мулкҳо як қатор масуниятҳо доштанд, аз ҷумла метавонистанд нисбат ба молиёти замини инъомгирифтаашон комилан мувофиқи савобдиди худ ихтиёрдорӣ кунанд. Тадриҷан кор ба дараҷае расид, ки онҳо низ дар навбати худ як қисми замини давлатии мулкашонро ба зумраҳои нисбатан хурди аъёну ашроф, рӯҳониён ва намояндагони табақаи ҳарбӣ тақсим карда медоданд. Ба ин тариқа, силсилаи дараҷаҳои инъоми замин ба вуҷуд омад, ки ин амри воқеӣ дар санадҳои расмии асри XVI возеҳу равшан қайд гардидааст.[31]

Ин қабил инъомҳои дараҷаи поинтарро, ки аз тарафи ҳукумати марказӣ ва ё соҳибони мулкҳои хоса дода мешуданд, низ бо истилоҳи «суюрғол» ифода мекарданд. Дар айни замон, истилоҳоти дигаре ҳам вуҷуд доштанд. Чунончи,

---

[30] Иванов П. П., 1954, с. 26.
[31] Набиев Р. Н., 1959, с. 26-28.

инъомеро, ки барои хидматҳои ҳарбӣ дода мешуд, дар ин аср аксаран «танҳо ва иқтоъ» (иқтаъ) меномиданд.[32]

Дигар категорияи замин аз рӯйи ҳуқуқи моликият – милки феодалӣ (яъне замине, ки қисми оидоти он ба фоидаи давлат ва қисми дигараш ба нафъи шахси ҷудогона – феодал истифода мешуд) ниҳоят калон буд. Дар ин ҷо се тамоюл ба назар мерасад. Аввал он ки аъзои хонадони Шайбониён ва табақаи болои тоифаҳои саҳронишини ӯзбек тамоми саъю кӯшиши худро барои соҳиб шудан ба заминҳои милк сарф мекунанд. Қисми зиёди заминҳои милк бо роҳи мусодараи Темуриён, ашрофи темурӣ ва амалдорони фурсати ба тарафи Шайбониён гузаштанро наёфта ва ҳатто дар мавридҳои ҷудогона тавассути мусодараи рӯҳониён ба дасти истилогарон медаромад. Баъдтар, чунонки аз санадҳои расмии асри XVI бармеояд, аъзои хонадони салтанатӣ ва табақаи болонишини тоифаҳои ӯзбек ҳам дар деҳот ва ҳам дар шаҳр ба харидани милкҳо хеле вусъат доданд[33].

Тамоюли дувум, ки дар ин бобат ҳам санадҳои расмӣ шаҳодат медиҳанд, «таҷзия»-и заминҳои милк, аз рӯйи даромади солиёна байни давлат ва феодал мутаносибан тақсим шудани он мебошад. Масалан, агар ҳиссаи давлат аз се ду қисми даромади замини милк ва ҳиссаи феодал аз се як ҳиссаи онро ташкил намояд, он гоҳ пас аз тақсимот аз се ду қисми замини милк ба замини давлатӣ ва аз се як қисми он ба замини ҳурри холис (яъне мулки хусусӣ) табдил ёфт[34]. Дар натиҷаи чунин тақсимот захираи заминҳои милк кам мешуд. Боз як манбаи коҳиши заминҳои милк дар он давра ба андозаи хеле зиёд барои вақф бахшидани онҳост (аз ин хусус дар поин сухан хоҳад рафт).

Ва, ниҳоят, чунонки аз санадҳои асри XVI ва давраҳои минбаъда маълум мешавад, давлат заминҳои милкро беш аз пеш ҳамчун захирае барои подоши феодалӣ истифода менамуд. Дар ин маврид давлат ҳиссаи даромади худро аз заминҳои милк инъом мекард[35]. Ин навъ подошро аз «сафедкунӣ»-и замини милк, ки давлат милкдорро аз хироҷи даромади солиёна озод мекард ва он соҳиби тамоми даромади замин мегардид, бояд фарқ намуд. Давлат заминҳои милкро (мисли заминҳои давлатӣ) барои подош истифода намуда, ҳиссаи даромади худро аз ин заминҳо метавонист на ин ки ба милкдор, балки ба шахси тамоман дигар инъом кунад. Дар ин ҳолат як қисми даромади солиёнаи заминро (дар асоси подош) шахси дигар соҳиб мешуд.

Вазни қиёсии заминҳои категорияи милки ҳурри холис дар асри XVI он қадар калон набуд, вале торафт меафзуд. Санадҳои расмӣ дар ин давра ду роҳи афзудани миқдори ин қабил заминҳои комилан моликияти хусусӣ гардидаро нишон медиҳанд: яке, чунонки дар боло қайд карда шуд, тақсимшавии заминҳои милк дар байни давлат ва феодал, дигаре аз тарафи феодалон харида шудани заминҳои давлатӣ. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки хариди заминҳои давлатӣ ҳамчун табдил додани онҳо ба заминҳои милк ба тақсими минбаъдаи дар боло баёнёфтаи ин заминҳо ба расмият даровarda мешуд.

---

[32] Иванов П. П., 1954, с. 26-27. Бояд гуфт, ки истилоҳоти ба инъомҳои асри XVI алоқаманд ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст.
[33] Иванов П. П., 1954, с. 24-25.
[34] Давидович Е. А., 1961, а,"с. 28–32.
[35] Давидович Е. А., 1961 а, с. 29–30.

Захираи заминҳои вақф дар асри XVI ҳам аз ҳисоби заминҳои милк ва ҳам як андоза аз ҳисоби заминҳои милки ҳурри холис ғанитар гардид. Миқдори зиёди масҷиду мадрасаву хонақоҳҳои дар давоми асри XVI сохташуда, ки ҳамаи онҳо ҳатман бо молу мулки вақф, беш аз ҳама, замин таъмин мегардиданд, ба ин иддао гувоҳӣ медиҳанд. Ғайр аз ин, аз асри XVI вақфномаҳои зиёде боқӣ мондаанд, ки ба ҷуз таъминоти аслӣ, барои сохтмонҳои хайрия аз тарафи шахсони ҷудогона нисор шудани ионаҳоро собит менамоянд.

Давлат аз даромади заминҳои вақф гоҳо ҳиссаи худро мегирифт ва гоҳо не. Вале хоқонҳо аксар вақт заминҳои вақфро «сафед мекарданд». Аз ин ҷиҳат асри XVI аз давраҳои пеш кам тафовут дошт. Аммо аҷобат дигар аст. Чунон ки маълум аст, аслан замини вақф тақсимнопазир ва, умуман, дастнорас дониста мешуд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе вақфномаҳо падидаҳои ташвишу изтироб аз он ки феодалони калон ба даромад ва молу мулки вақф даст дароз карданӣ мешаванд, ба назар мерасад. Ба ин маънӣ хусусан вақфномае, ки ба нафъи мадрасаи Шайбонихони Самарқанд навишта шудааст, равшан шаҳодат медиҳад. Масалан, дар байни шартҳои вақфгузор чунин таъкид ёфтааст «...(ин молу мулки вақфро) ба касе ба орият додан нашояд, ки аз он хавфи ғасби ин (молу мулки) ориятӣ ба миён меояд, минҷумла: ба ситамкорон, касони хусуматпарвар ва тарсангез, султонҳо...»; «...ин молу мулки вақф ба ҳеҷ ваҷҳ ба иҷораи амалдорон ва одамоне, ки аз онҳо рӯёнидани ҳаққи орият душвор ва ё номумкин аст, дода нашавад»[36].

Замин ва молу мулки вақф одатан дар ихтиёри мутаваллӣ буда, ҳадянома дар дасти яке аз авлодони шахси вақфгузор нигоҳ дошта мешуд. Вақф барои рӯҳониён яке аз воситаҳои истисмори бераҳмонаи табақаҳои меҳнаткаши аҳолии мамлакат ва муҳимтарин василаи сарватмандшавии онҳо маҳсуб меёфт.

Шайху эшонҳои ду тариқати сӯфияи хеле бонуфузи Осиёи Миёна– «кубравия» ва «нақшбандия» аз бузургтарин ихтиёрдорони заминҳои вақф ва нигаҳдорандагони вақфномаҳо ба шумор мерафтанд. Шайхони дарвеш сарвати бисёреро ба даст оварда буданд. Масалан, дороии хоҷагони Ҷӯйборӣ ҳадду ҳисоб надошт[37].

Муосири Абдуллохони II – Хоҷа Исломи Ҷӯйборӣ дорои галаву рамаҳои бешумори асп, гӯсфанд, уштур ва заминҳои кишти беканоре буд. Хоҷа Ислом ба сайёдӣ шуғл варзида, сагҳои зиёди шикорӣ нигоҳ медошт ва чандин мири шикор ба ӯ хидмат мекарданд. Зиёраткунандагон аксаран гилагузорӣ мекарданд, ки «пири муқаддас» аз одамон дида, бо мурғону сагони шикорӣ бештар суҳбат мекунад. 300 ғулом хидмати боргоҳи ӯро ба ҷо меоварда ва барои ҳисобу китоби иқтисодиёташ идораи махсусе вуҷуд дошт. Хоҷа Ислом ба тиҷорат ҳам машғул мешуд. Корвонҳои ӯ то ба Москва расида буданд. Ҳамаи ин ҳукмронони тоҷдору бетоҷ – ашрофу рӯҳонӣ, ҳама гуна шайхону муридонашон мардумро бераҳмона ғорат мекарданд.

---

[36] Мукминова Р. Г., 1966 с. 293.

[37] Вяткин В. Л., 1927, с. 3 ва давомаш, Иванов П. П., 1954, с. 48 ва давомаш. Дар бораи муборизаи байни шайхони «кубравия» ва «нақшбандия», ки асоси онро манфиатҳои моддӣ ва кӯшишҳои пайдо кардани нуфузи сиёсӣ ташкил менамуд, ҳамчунин роҷеъ ба усулҳои фиребтани мардум ниг.: Семёнов А. А., 1040 ва 1941.

Дар санадҳои расмӣ гоҳо боз як категорияи замин – қитъаи хурди замини милк ёдоварӣ шудааст, ки соҳиби он худи корандаи замин будааст[38]. Мо дар бораи миқдори чунин милкҳои деҳқонон маълумоти бевосита дар даст надорем. Вале мушоҳидаҳои ғайримустақим нишон медиҳанд, ки захираи ин қабил заминҳо дар асри XVI ва давраҳои баъдина торафт кам мешуд. Деҳқонон замини худро ба феодалони давлатманд мефурӯхтанд. Албатта, ин бо майлу ихтиёри онон набуда, балки таҳти фишори феодалон ва ё дар натиҷаи ночории иқтисодӣ сурат мегирифт. Дар ин бобат, хусусан, роли судхӯрӣ ва гаравмонӣ калон буд.

Деҳқонони милкдор назар ба қисмати боқимондаи корандагони замин як дараҷа вазъияти имтиёзнок доштанд, зеро хироҷи аз даромади солиёна ба давлат мепардохтагии онҳо нисбат ба он чӣ, ки дигар деҳқонон ба давлат ва феодалон медоданд, камтар буд. Аммо ночизии қитъаи замин, зиёд шудани аъзои хонавода ва пеш омадани тангии маишат боис мегардид, ки деҳқонони милкдор ҳам аз қарздорӣ ба асорати феодалон ва судхӯрон гирифтор шаванд.

Аҳволи деҳқонони безамин – иҷоранишин ниҳоят дараҷа бад буд. Дар асри XVI, мисли давраҳои гузашта, воҳиди асосии хоҷагон ҳамоно хоҷагии деҳқонӣ ба шумор мерафт. Заминҳои ҳама гуна категорияҳо ба тариқи иҷора ба деҳқонон дода мешуд. Вазъияти деҳқонони иҷоранишин яксон набуд. Аз санадҳои расмии асри XVI маълум мегардад, ки аксар вақт иҷорадори заминҳои вақфӣ ва давлатӣ феодалон буданд. Дар ин маврид деҳқонон дар заминҳои иҷорагирифтаи феодалон кироянишинӣ мекарданд. Шартҳои кироянишинӣ хеле гарон буд, зеро феодали иҷорадор аз деҳқони кироянишин ба андозаи дилхоҳи худ ҳақ меситонид[39]. Аҳволи деҳқонони иҷоранишин ва кироянишин боз аз он сабаб ҳам бад мегардид, ки муҳлати иҷора кӯтоҳ буд. Масалан, дар вақфномаҳо бисёр вақт таъкид шудааст, ки замин набояд зиёда аз се сол ба иҷора гузошта шавад.

Дар Осиёи Миёнаи асри XVI заминдории ҷамоавӣ (обшинагӣ) ва боқимондаҳои маҳками ҷамоа ҳанӯз давом мекард[40]. Аҳволи деҳқони ҷамоа аз деҳқони иҷоранишин хеле кам тафовут дошт. Вале ӯро чунин як имтиёзе буд: ӯ метавонист аз ҳуқуқи як навъ «иҷораи доимӣ» истифода намояд ва «бемуҳлат» ба кишти замин машғул шавад. Гумон набояд кард, ки деҳқонони ҷамоа фақат дар заминҳои давлатӣ буданд. Замини ҷамоавӣ аз як молик ба молики дигар мегузашт, метавонист дохили милк ё тобеи вақф бошад, аммо дар ҳар сурат деҳқони ҷамоа ҳуқуқи нисбат ба «иҷораи доимӣ» доштаашро аз даст намедод. Ва аз ҳама муҳимтар он аст, ки дар вақти харидуфурӯш замини ҷамоа тақсим намешуд. Дар амал ин на харидуфурӯши худи замин, балки ба даст овардани ҳуқуқи аз корандаи он ситонидани даромади солиёна буд. Чунин ҳодисаҳо ҳам сабт шудаанд, ки замини ҷамоавӣ ба чанд молик тааллуқ пайдо намуда, вале байни онҳо тақсим нагардидааст, онҳо фақат даромадро ба ҳам дидаанд.[41]

Мо дар даст далеле надорем, ки дар бораи тағйир ёфтан ё наёфтани шакли истисмори асри гузашта дар аҳди Шайбониён қазоват кунем. Ба хубӣ исбот шудааст, ки ҳаҷми қонунӣ ва муайяни қисми асосии даромади солиёнаи замин

[38] Иванов П, П., 1954, с. 32-33, 41.
[39] Иванов П. П., 1954. с. 33–34.
[40] Иванов П. П., 1958, с. 62.
[41] Давидович Е. А., 1961 а, с. 36-38.

дар асри XVI, маъмулан, 30 фоизи ҳосили киштро ташкил мекард (гоҳо то 40 фоиз ҳам мерасид) ва ба шакли мол пардохта мешуд[42]. Ғайр аз ин, бисёр молиёту андозҳои дигаре ҳам вуҷуд доштанд, ки гоҳ ба шакли пул ва гоҳ бо шакли мол ситонда мешуд. Ҳаҷми ин молиёту андозҳо яқинан маълум нест. Вай аксаран ба худсарии ҳокимияти марказӣ ва маъмурони маҳаллӣ алоқаманд буд. Даромад ва ҳаққи иҷора аз боғоту токзорҳо, таомулан, ба шакли пул гирифта мешуд. Мисли пештара ба тариқи кор карда додан адо намудани андози замин низ вуҷуд дошт.

Гувоҳи бешубҳа ва бегумони аҳволи табоҳи деҳқонон, чунонки дар манбаъҳои мухталиф зикр ёфтааст, замин ва ҷойҳои муқимии худро гузошта фирор кардани онҳост[43]. Зоҳиран, чунин ҳодиса ба андозае зиёд рух додааст, ки ҳукумат маҷбур шудааст дар ин бобат тадбирҳои муассир, аз қабили ба замин банд кардани деҳқононро пешбинӣ намояд. Аз ин лиҳоз хусусан ҳуҷҷатҳои марбут ба Фарғона ҷолиби таваҷҷуҳанд: дар онҳо аз хусуси ба ҷойҳои худ баргардонидани деҳқонони фирорӣ сухан меравад.

Дар шаҳрҳои Осиёи Миёна низ ҳамон категорияҳои моликияти замин, ки дар деҳот вуҷуд дошт, амал мекард. Чунонки аз санадҳои расмии онвақта бармеояд, як ҳодисаи ҳам ба шаҳр ва ҳам ба деҳот хос беш аз пеш ба дасти аъзои хонадони салтанатӣ, аъёну ашроф ва рӯҳониёни олирутбаи феодалӣ ҷамъ шудани моликияти замин мебошад. Ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот ин ҳолат аз ҳисоби хонахароб шудани мулкдорони хурд ва ҳатто миёна ба вуқӯъ меомад. Баробари ин, дар шаҳрҳо ҳодисаи дигар – ба дасти феодалон даромадани дӯконҳои косибӣ, коргоҳҳои ҳунармандӣ ва манзилҳои иқоматӣ ба амал меомад. Пешаварон на фақат заминро, балки акнун ҷойи кор ва ҳатто иқоматгоҳи худро ҳам ба иҷора мегирифтанд. Ин боиси афзудани меъёри истисмори қувваҳои кории шаҳр мегардид. Ғайр аз ин, дар шаҳр хироҷҳои маъмулӣ ҳам вуҷуд доштанд. Дар ин бобат Ҷенкинсон навиштааст: «Хони Бухоро даҳяки арзиши ҳама гуна молҳои фурӯшии ҳунармандон ва тоҷиронро меситонад, ки ин тамоми мардумро бенаво хоҳад кард»[44]. Бори хироҷҳои шаҳр боз аз он сабаб ҳам чандин мартаба вазнинтар мешуд, ки ҳокимон ғайр аз молиёту андозҳои расмӣ худсарона шаҳриёнро ба пардохтани андозҳои иловагӣ водор мекарданд, ҳамчунин аз андозҳои ғайримустақим низ истифода менамуданд[45].

## Касбу ҳунар, тиҷорати дохилӣ ва муомилоти пулӣ

Дар адабиёти илмӣ доир ба вазъияти истеҳсолоти ҳунармандии Осиёи Миёнаи асри XVI ду фикри ба ҳам мухолиф баён ёфтааст: баъзе муаллифон чунин мепиндоранд, ки касбу ҳунар пас аз истилои Шайбониён рӯ ба таназзул ниҳод, вале муаллифони дигар, баръакс, дар ин давра падидаҳои инкишофи минбаъдаи онро мушоҳида мекунанд. Ба назари мо, ҳар ду фикр ҳам нодуруст аст.

Дар соҳаи истеҳсолоти ҳунармандӣ ва тиҷорати дохилии пулӣ дар давоми асри XVI тағйирот ва пешрафти муайяне ба амал омад. Аммо ин ба ҷиҳатҳои

[42] Ҳамон ҷо, с. 30-32.
[43] Набиев Р. Н., 1964, с. 95–96; Мукминова Р. Г. 1966, с. 52, 55, 56.
[44] Ченкинсон., 1937, с. 183.
[45] Шишкин В. А.,1947, с. 25-26; Давидович Е. А., 1961 а, с. 40–44.

техникии истеҳсолоти молӣ кам дахл дорад. Тахассусёбии касбу ҳунар дар ин аср ҳам, мисли асри XV ҳамоно маҳдуд буд. Барои тавзеҳи ин тахассусёбӣ дар асри XVI мо нисбат ба асри гузашта бештар материал дорем, зеро миқдори хеле зиёди ҳуҷҷатҳои расмӣ – санадҳои харидуфурӯш, вақфномаҳо ва ғ. маҳфуз мондаанд, ки дар онҳо дӯкону устохона ва коргоҳҳои гуногуни ҳунармандӣ зикр шудаанд. Ҳар як намуди моли тайёр ва ҳатто нимтайёр аз тарафи пешавари ҷудогона таҳия мегардид. Дар ин давра ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи касбу ҳунар ба ҳамон дараҷаи ҳаддалимкон баланди замони феодалӣ воқеъ гардида буд[46].

Дар сифати маҳсулот ҳам ягон тағйироти муҳим рӯй надод. Масалан, агар сифати баъзе навъҳои маснуоти кулолӣ ва ё касбҳои амалӣ бад шуда бошад, дар айни замон коғази самарқандӣ [47] ва бисёр маҳсулоти ҳунармандии Осиёи Миёна шуҳрати пешинаи худро нигоҳ дошта, ба хориҷа содир мешуданд. Ба ҳамин тариқа, истеҳсолоти ҳунармандӣ ва сифати маҳсулоти он дар давоми асри XVI аз нуқтаи назари савияи техникӣ ба ягон тағйироти ҷиддӣ дучор нашуда, аз ин ҷиҳат комилан ба ҳолати пешинаи худ боқӣ монд.

Бо вуҷуди ин, назар ба нимаи дувуми асри XV баъзе тамоюлоти нав: як андоза камшавии ҳаҷми истеҳсолоти молӣ ва тиҷорати пулӣ (ҳам дар соҳаи чаканафурӯшӣ ва ҳам дар савдои калон) зоҳир мегардид. Ин тамоюлот якбора падид наомада, фақат дар чоряки дувум ва миёнаҳои асри XVI ба назар намоён шуд[48]. Баъзе тадбироти ҳокимияти давлатӣ дар роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорати пулӣ (ислоҳоти Шайбонихон, Кӯчкунчихон ва Абдуллохони II дар назар дошта шудааст), албатта, инкишофи ин тамоюлотро бозмедоштанд, вале онро тамоман аз байн бурда наметавонистанд. Таҳқиқи сабабҳои тадриҷан, вале устуворона кам шудани истеҳсолоти молӣ ва тиҷорати пулӣ дар асри XVI ва босуръати бештар дар асрҳои XVII–XVIII хеле қобили таваҷҷуҳ аст. Муаррихон ин масъаларо ҳанӯз бояду шояд мавриди баррасӣ қарор надодаанд.

Дар сари баъзе сабабҳои ҷузъие, ки мебоист ба вазъи касбу ҳунар ва тиҷорати пулии асри XVI таъсир мерасонид, таваққуф менамоем. Дар ин бобат тағйироти тиҷорати хориҷӣ нақши муайяне дорад. Чунонки маълум аст, дар муддати чандин аср роҳи калони корвонгард аз Осиёи Миёна гузашта, шарқу ғарбро ба ҳам мепайваст, вале дар асри XVI, пас аз кашфиётҳои бузурги географӣ, ин роҳ аҳамияти худро гум кард. Осиёи Миёна аз ҷараёни асосии ҳаракати молҳои тиҷоратӣ дар канор монд ва ин ҳолат ба истеҳсолоти молии дохилӣ таъсир карда, боиси камшавии ҳаҷми маснуоти як қатор соҳаҳои касбу ҳунар гардид, хусусан он соҳаҳое, ки моли худро ба тиҷорати байналхалқӣ мебароварданд ва ҳам хидмати корвонҳои ояндаву равандаро анҷом медоданд.

Албатта, робитаҳои тиҷоратии Осиёи Миёна бо Россия, ки дар асри XVI ривоҷ ёфта буд, як дараҷа қусури ин зиёнҳоро мебаровард. Лекин анвои гуногуни молҳое, ки ба миқдори торафт афзоянда аз Осиёи Миёна ба Россия содир карда мешуд, манфиати фақат гурӯҳи муайяни корхонаҳои ҳунармандиро таъмин мекард.

---

[46] Беленитский А. М., 1940; Беленитский А. М., 1949; ИТН, П. 1, 1964, с. 401 – 402.
[47] Мукминова Р. Г., 1966, с. 32.
[48] Давидович Е. А., 1965, с. 90–91.

Вазъияти хоҷагии пулӣ дар асри XVI, таъсири сохти амлокии давлати Шайбониён ба пулбарорӣ ва муомилоти пулӣ аз нуктаҳои хеле муҳим ба шумор мераванд. Барои охири асри XV ва даҳаи аввали асри XVI истифодаи боздоштанашавандаи нишони пулӣ хос аст. Ҳокимони зуд-зуд ивазшавандаи шаҳру вилоятҳо саъй мекарданд, ки аз кори пулбарорӣ ба ҳар васила фоидаи бештаре ба даст оваранд. Дар ин давра, хусусан, дар сикказанӣ ва муомилоти пули мисӣ бетартибӣ ва худсариҳои зиёде рӯй дод, дар сурате ки маҳз ҳамин пул дар чаканафурӯшӣ истифода мешуд. Ҳам косибоне, ки на олоти зинатӣ, балки асбобҳои ба мардуми шаҳрнишин зарурӣ тайёр мекарданд ва ҳам худи шаҳриёну деҳқононе, ки барои хариди молҳои лозима ба дӯкони онҳо меомаданд, ба чунин навъи савдо манфиатдор буданд. Барои савдои калон, ки, пеш аз ҳама, табақаҳои гуногуни синфи ҳукмрон аз он манфиат мебурданд, низ ҳар гоҳ вазъияти номусоид ба вуҷуд меомад ва ин, дар навбати худ, ба таври ғайримустақим ба касбу ҳунар ҳам зарар мерасонид.

Дуислоҳоти пулие, ки дар зарфи чоряки аввали асри XVI гузаронида шуда, мақсади аслии онҳо омода сохтани шароити мусоид барои тиҷорати пулӣ буд, возеҳу равшан шаҳодат медиҳанд, ки фароҳам овардани чунин шароит, тавре ки мебоист, имконпазир нагардид. Хеле мавриди аҷобат аст, ки ислоҳоти дувум ба сабаби худсарии соҳибони мулк якбора гузаронида нашуд, барои аз байн бурдани буҳрон ва дар миқёси тамоми давлат мураттаб сохтани муомилоти пулӣ бештар аз понздаҳ сол лозим омад.

Истиқлоли ҳукмронони мулкҳо дар давраҳои баъдина ба муомилоти баробари пулии умумидавлатӣ торафт монеаҳои нав ба нав ба вуҷуд меовард.

Пас аз ислоҳоти Кӯчкунчихон, ки соли 1525 ба анҷом расид, фоидаи аз зарбу гардиши пул бадасторандаи ҳокимони мулк боз ҳам афзунтар гардид. Тавассути ин ислоҳот қоидае расмият пайдо кард, ки мутобиқи он даромади мулкдорони калон аз сикказании, масалан, пули нуқра аз ду манбаъ ҳосил мешуд: яке – пардохти ба мизони муайян даромадаи соҳибони филиз, дигаре –оидоте, ки аз макру найрангҳои ошкорои табдили қурби нуқра ба даст медаромад. Маънии манбаи охирӣ аз ин иборат буд, ки пулҳои нуқраи ҳамвазну ҳаммаҳак ба ду гурӯҳ–сиккаи «кӯҳна» ва сиккаи «нав» ҷудо карда шуда, ба онҳо арзиши гуногун дода мешуд (чунончи, қобилияти хариди 10 тангаи «куҳна» баробари 9 тангаи «нав» буд). Ба истибдоди ҳокимияти давлатӣ такя карда, дар ҳар сари чанд вақт пулҳои «нав» худсарона «куҳна» эълон карда мешуданд, ки ба ин васила 10% даромади муфт ба хазинаи давлат медаромад ва соҳиби пул ҳам якбора 10% зиён мекашид. Ҷенкинсон, ки дар солҳои 1558–1559 ба Бухоро сафар карда буд, истифодаи беисти нишони пулӣ ва оқибати онро дар тиҷорат хеле боварибахш тавсиф намудааст: «Подшоҳ ҳар моҳ ва гоҳо дар як моҳ ду бор арзиши нуқраро баланд ё паст мекунад: вай аз ҳоли мардум парвое надорад, чунки барои аз ду ё се сол зиёдтар ҳукм рондан чашмаш намерасад, ӯро ё мекушанд ва ё меронанд. Ин ҳолат мамлакатро хароб ва тоҷиронро муфлис мегардонад».

Ба ин бояд ҳаминро ҳам илова кард, ки ҳокимони мулк баробари афзудани парокандагии феодалӣ беш аз пеш ба муомилоти пулии умумидавлатӣ мамониат мекарданд. Онҳо ҳар чӣ бештар даромад ба даст оварданӣ шуда, пеши роҳи дар қаламравашон гардиш кардани пули мулкҳои дигарро мебастанд.

Бесабаб нест, ки дар чоряки севуми асри XVI Осиёи Миёна боз як буҳрони хеле сахти муомилоти пулиро аз сар гузаронид.

Севумин нуктаи муҳим вазъи умумии мамлакат ва таъсири бевоситаи он ба хоҷагист. Лашкаркашӣ ва тохтутозҳои сершумор ба Хуросон ҳокимони шайбонӣ ва то андозае аскарони онҳоро сарватманд намояд, тадорукот ва таҷҳизоти ин лашкаркашиҳо барои аҳолӣ бисёр гарон меафтод. Хусусан, ҷангҳои байнихудии феодалон, ки қариб ним аср муттасил давом намуд, аҳволи мардумро ниҳоятдараҷа табоҳ сохт: дар натиҷаи муҳорибаҳои байни султонҳои шайбонӣ, аз даст ба даст гузаштани шаҳру мулкҳо заминҳои кишт зери по, шаҳрҳо тороҷ ва хироҷу андозҳо зиёд мешуданд. Ба ҳамин тариқа, шароити ин замон ҳам ба равнақ ва ҳатто як дараҷа муътадил гардидани вазъи истеҳсолоти ҳунармандӣ ва тиҷорат кумаке нарасонид.

Дуруст аст, ки дар охирҳои аср, вақте ки Абдуллохони II ба ҷангҳои байнихудӣ хотима дода, барои беҳтар гардидани шароити тиҷорат як қатор тадбирҳо пешбинӣ кард, вазъият тағйир ёфт ва хоҷагии мамлакат каме ба ҳолати эътидол даромад. Аммо ин давраи на он қадар тӯлонии истиқрор барои бартараф намудани тамоми оқибатҳои хасорате, ки дар давраи пешина ба касбу ҳунар ва тиҷорат ворид омада буд, кифоят накард. Ҷараёни инкишофи минбаъда ба зудӣ ҳамаи он натиҷаҳои мусбатеро, ки дар аҳди Абдуллохони II дар бобати ба дараҷаи маъмулӣ даровардани вазъияти умумии мамлакат ба даст омада буданд, ба боди фано дод.

Ба ҳамон хулосае, ки се чоряки асри XVI давраи тадриҷан камшавии ҳаҷми истеҳсолоти ҳунармандӣ ва тиҷорати дохилист, амри воқеии маҳз дар ҳамин аср нисбатан бештар ба тараққӣ рӯ ниҳодани шаҳрҳо мухолифате надорад. Масалан, дар давоми асри XVI масоҳати Бухоро афзуда, як қисми маҳалҳои атрофи он ба шаҳр дохил карда шуданд. Дар ин давра дар Бухоро бисёр иморатҳои нави муҳташам ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла тоқҳои тиҷорат, корвонсаройҳо ва амсоли инҳо сохта мешаванд. Бухоро дар нимаи дувуми асри XVI ба таври қатъӣ пойтахти давлати Шайбониён мегардад. Боз муҳимтар аз ин, Бухоро маркази тиҷоратии Осиёи Миёна, маҳалли омадурафти аксари тоҷирони хориҷӣ ва гузаргоҳе барои молҳои хориҷӣ маҳсуб меёфт. Аз ин рӯ, ҳаҷми тиҷорати Бухоро хоси тамоми Осиёи Миёна намебошад ва барои сухан рондан аз боби инкишофи беш аз пеши саноати ҳунармандӣ дар саросари Осиёи Миёна асосе намедиҳад.

## Тиҷорати хориҷӣ. Муносибатҳои дипломатӣ

Устувор гардидани муносибатҳои иқтисодӣ ва дипломатӣ бо Россия омили тараққиёти таърихии Осиёи Миёна дар асри XVI буд[49]. Ин бештар аз ҳама дар нимаи дувуми аср, ки рафтуомади сафирони рус ба Осиёи Миёна ва алалхусус сафирони осиёмиёнагӣ ба давлати Москва ранги доимӣ гирифт, ба назар намоён гардид. Он вақтҳо сафирон ба корҳои тиҷорат ҳам машғул мешуданд: онҳо бо корвонҳои худ на фақат тuҳфаҳои подшоҳӣ ва хонӣ, балки молҳои тиҷоратӣ низ мекашонданд. Аз тиҷорати подшоҳӣ ва хонӣ боҷ гирифта намешуд. Бинобар ин, султонҳои шайбонӣ ва ҳокимони мулкҳо корвонҳои пурбори худро бо камоли майл ба сӯйи давлати Москва равон месохтанд. Вале аз нуқтаи назари мустаҳкам

[49] Жуковский С. В., 1915; Панков А. В., 1927; Чулошников А., 1932; Зиёев Ҷ. З., 1962; 1965; Юлдошев Ш Ю., 1964; Ҷамолов Қ., 1966.

кардани робитаҳои иқтисодӣ аҳамияти вусъат ва инкишофи ҳаҷми тиҷорати хусусӣ бештар буд. Ҳарчанд аз корвони тоҷирони ҷудогона, ки ба Аштархон рафтуомад мекарданд, боҷ гирифта мешуд, аммо ин боиси камшавии тиҷорат намегардид. Молҳои Осиёи Миёна барои Россия чунон зарурат пайдо карда, ба таомул даромада буданд, ки ҳатто дар терминология ва топонимикаи он осори худро гузоштанд. Масалан, яке аз миқёсҳои маъмули вазн дар давлати Москва «ансири бухорой» номида мешуд. Дар давлати хонии Қазон тоҷирони осиёимиёнагиро «тезикҳо» (тоҷикон) меномиданд ва дар маркази шаҳри Қазон маҳалле буд, ки бо номи «мавзеи тезикҳо» шуҳрат дошт.

Тиҷорат ба самти дигар – ба тарафи Сибир ҳам вусъат ёфт. Дар ин ҷо молҳои Осиёи Миёна лузумоти бештаре доштанд. Ба ин сабаб ҳукумати Москва дар асри XVI аз тиҷорати ин сарзамин ягон хел боҷ намеситонд.

Дар давлати Москва аз молҳои тиҷоратии Осиёи Миёна талабот, махсусан, ба матоъҳои гуногуннавъи пахтагӣ ва абрешимӣ зиёд буд. Аз Москва ба Осиёи Миёна пӯсти хом, зарфҳои чӯбӣ, газворҳои пашмӣ ва бисёр маснуоти дигар оварда мешуданд. Баъзе аз ин молҳои русиро дар Бухоро савдогарони ҳинду ва эронӣ мехариданд.

Дар асри XVI дар миёни давлати Шайбониён ва давлати Темуриёни Ҳинд муносибатҳои бисёр наздики тиҷоратию дипломатӣ ва иртиботи маданӣ вуҷуд дошт. Лекин муносибати тиҷоратӣ ба Эрони сафавӣ хеле коста гардид. Дар ин маврид, ғайр аз сабабҳон умумӣ (тағйири роҳҳои корвонгард), низоъҳои мазҳабии байни Эрони шиа ва Осиёи Миёнаи суннӣ ҳам роли муайяне мебозид. Сабаби дигар ҳамоно муносибатҳои сиёсии байни Шайбониён ва Сафавиён буд, ки дар натиҷаи лашкаркашӣ ва тохтутозҳои пайдарпайи султонҳои шайбонӣ ба Хуросон (бо нияти тасарруфи шаҳрҳои пурсарвати Ҳирот, Машҳад, Исфароин ва ғ.) беш аз пеш тезутунд мегардид. Ҷенкинсон, ки солҳои 1558–1559 дар Бухоро зиста, махсусан ба масъалаҳои тиҷорат мароқ зоҳир кардааст, роҷеъ ба тиҷорати Осиёи Миёна бо Ҳиндустон ва Эрон чунин менависад: «Ҳиндуҳо матоъҳои сафеди нафисро, ки тоторҳо ба гирди сарашон мепечонанд, ҳамчунин дигар навъҳои газвори сафедро, ки дар вақти аз матои пахтагӣ дӯхтани либос истифода мешаванд, ба ин ҷо ворид мекунанд, вале онҳо на тилло, на нуқра, на ҷавоҳирот ва на адвияҷот намеоваранд. Ман пурсуҷӯ карда фаҳмидам, ки роҳи ин тиҷорат ба воситаи уқёнус будааст, чунки ҳамаи маҳалҳои истеҳсоли ин молҳо дар таҳти тасарруфи португалиҳо воқеъ аст.

Ҳиндуҳо аз Бухоро шоҳиворӣ, пӯсти хом, ғулом ва асп мебаранд, лекин ба хариди пашмина ва моҳут он қадар майл надоранд. Ман ба тоҷирони он кишварҳо, ки аз дурдасттарин қисматҳои Ҳиндустон, ҳатто аз сарзамини Бангола ва каронаҳои дарёи Ганг меоянд, муовизаи матоъҳои пашмиро ба молҳои онҳо пешниҳод кардам, вале нахостанд молашонро ба чунин матоъ, мисли моҳут, иваз кунанд.

Эрониҳо ба ин ҷониб парча, ғози пахта, катон, шоҳии алвон, аспи зотӣ ва амсоли инро оварда, аз ин ҷо пӯсти хом ва дигар молҳои русӣ, ғуломони гуногуннажод харида мебаранд, аммо матоъ намехаранд, зеро худашон ин навъ молҳоро ба ин ҷо меоваранд»[50].

---

[50] Ҷенкинсон, 1937, с. 184.

Манбаъҳои дигар рӯихати молҳои ба Ҳиндустон содиркунандаро (аз қабили себу нок, мавизу бодом, харбузаи хоразмӣ, мӯинаи русӣ ва мурғи шикорӣ) ва, баръакс, аз Ҳиндустон ба Осиёи Миёна воридкунандаро (мисли парча, рангубор, чой, марворид) пурра месозанд[51]. Боз як моли махсус – тангаҳои нуқраи шайбониро, ки дар асри XVI аз Осиёи Миёна ба Ҳиндустон бурда мешуд, бояд хотирнишон кард. Аҷоиб, ки шоҳ Акбар (1556–1605) барои гардиши пулҳои шайбонӣ дар дохили давлати худ иҷозат дода буд, аз ин рӯ номи Акбар ба шакли муҳри кӯчаке дар рӯйи пул зарб зада мешуд [52].

Муносибатҳои дипломатии байни Шайбониён ва Темуриёни Ҳинд низ бомуваффақият инкишоф меёфт. Шайбониён, ки Бобурро аз Осиёи Миёна тамоман ронда буданд, дере нагузашта пас аз қисмати зиёди Ҳиндустонро фатҳ карданаш саъю кӯшиш намуданд, муносибатҳои худро бо ӯ муътадил гардонанд. Дар солҳои охири ҳукмронии Кӯчкунчихон ба назди Бобур сафорати босалобате фиристода шуд. Сафирон на фақат аз тарафи сарсулола, яъне худи Кӯчкунчихон, балки аз тарафи баъзе султонҳои хонадони шайбонӣ ҳам буданд. Бобур сафиронро ба хубӣ пазироӣ намуд ва ҳангоми рухсат ба онҳо туҳфаҳои бисёре дод. Масалан, ба сафири Кӯчкунчихон 70 ҳазор пули нуқра, ханҷари қиматбаҳо ва кулоҳи зардӯзӣ инъом кард[53]. Ин сафорат фақат маънии ба расмият шинохтанро надошт. Шайбониён, ки дар ин солҳо пай дар пай ба Хуросон ҳуҷум мекарданд, ба таъмини амнияти ақибгоҳи худ манфиатдор буданд.

Муносибатҳои дипломатӣ, хусусан, дар байни ду ҳукмрони барҷаста – султони шайбонӣ – «Абдуллохони II ва подшоҳи Ҳиндустон» – Акбар хеле муваффақиятомез буд. Онҳо ҳар гоҳ ба кишвари якдигар ҳайати сафорат мефиристоданд, бо ҳам мукотиба доштанд ва ба якдигар туҳфаҳои гаронбаҳо мефиристоданд. Абдуллохони II ба сафорате, ки фавран баъди Бадахшонро забт кардани Шайбониён ва дар Афғонистон ғалабаҳои калон ба даст овардани қӯшуни Акбар фиристода буд, арзиши баланд медод. Ин сафорат мақсади дутарафа дошт: яке – гирифтани пеши роҳи ҳаракати минбаъдаи қӯшуни Ҳинд ва дигаре – ба Акбар фаҳмондани ин, ки Шайбониён даъвои мулки ӯро надоранд. Сафорати дар навбати худ фиристодаи Акбар бо ҳусни таваҷҷуҳ ва иззату эҳтироми бузурге пазируфта шуд[54].

## 3. МАСЪАЛАИ ЭТНОГЕНЕЗИ ХАЛҚИ ӮЗБЕК

Масъалаи этногенези халқи ӯзбек фақат дар илми таърихнигории марксистии советӣ аввалин бор бар асоси илмӣ гузошта шуд. Дар асарҳои шарқшиносони тоинқилобии рус ва ҳамчунин хориҷӣ нуқтаи назаре ҳукмрон буд, ки мувофиқи ои гӯё таърихи халқи ӯзбек аз асрҳои XV–XVI, яъне аз вақти дар Осиёи Миёна бо номи ӯзбек пайдо шудани тоифаҳои истилокор оғоз меёфта бошад. Тавзеҳи моҳиятан нави ин масъала аз А. Ю. Якубовский сар шуд. Ӯ дар ҷараёни тадқиқ ба чунин хулосае омад, ки ӯзбекҳои истилогар бо аҳолии маҳаллии туркнажоди

[51] История Узбекской ССР, т. 1, 1967, с. 537-538.
[52] Давидович Е. А., 1951 а, с. 139-140; Lowick N. M., 1966.
[53] Бобур, 1958, с. 407.
[54] Умняков И. И., 1930, с. 325–328.

Мовароуннаҳр як шуда рафтанд: «...ӯзбекҳои саҳронишин, агар дар тамоми ҳудуди ҳозираи Ӯзбекистон набошад ҳам, ба ҳар ҳол дар қисмати зиёди он аҳолии туркзабон, яъне қавми турк ва туркшударо дарёб карданд, ки дар ин ҷо муддати дурударозе ҳаёти мутамаддина ба сар бурда, дар ҷараёни омезиш бо дигар халқҳои нисбатан қадимтари аз аҳди бостон дар ин маҳал сокиншуда ташаккул ёфтаанд. Ӯзбекҳои саҳронишин ба ҳайати аҳолии туркзабон ҳамчун ҷузъи охирин дохил шуда, ба он номи худро бахшиданд»[55].

Соли 1949 банда дар китоби «Таърихи халқи тоҷик» нуқтаи назари худро доир ба ин масъалаи мураккаб ва муҳим баён карда будам. Дар он китоб, аз ҷумла, навишта шудааст: «….Аз асри VI торафт бештар сар даровардани тоифаву қавмҳои туркзабон ба сарзамини Осиёи Миёна шурӯъ мешавад»[56]. Дар ин миён ҷараёни қаробат пайдо кардани ин тоифаву қавмҳо ба аҳолии қадимии Осиёи Миёна давом менамояд. Амалиёти якҷояи туркҳо ва суғдиён ҷиҳати хоси муборизаи халқҳои Осиёи Миёна бо истилогарони аҷнабӣ мебошад. Дар зарфи чандин аср, пеш аз ҳама, табақаҳои камбизоати бодиянишинони турк ба тарзи зиндагии муқимӣ ва зироаткорӣ мегузаранд. Тадриҷан ихтилот ва омезиши қавмҳои турк бо суғдиёну хоразмиён ва тоифаҳои сакоиву массагетҳо қувват мегирад, ки зимнан халқияти ба ин тариқа ташаккулёфта аксаран ба забони туркӣ гуфтугӯ мекарданд. Мана дар ҳамин асос халқи ӯзбек ташаккул ёфта, дар ҷараёни сурат гирифтани худ, мисли дигар халқҳои Осиёи Миёна, аз мероси мадании сокинони қадимаи он баҳраманд гардид. Дар ибтидои асри XI ҷараёни ташаккули халқи ӯзбек суръати бештаре пайдо намуда, аз қисматҳои шимоли Осиёи Миёна беш аз пеш ба ноҳияҳои ҷануби он паҳн шуд, ки ин, аз ҷумла, дар таъсиси давлати Қарохониён ва инкишофи маданияти шаҳр нақши худро гузоштааст.

Ташаккули босуръати халқи туркман ва дигар халқҳои ба истилоҳ туркзабони Осиёи Миёна низ ба ҳамин давра тааллуқ дорад. Маҳз дар ҳамин давра таъбири «турку тоҷик» барои тавсифи ду унсури асосии нажодии аҳолии Осиёи Миёна вирди забон гардид.

Чунонки дар боло оварда шуд, ҳанӯз дар замони Сомониён дар ноҳияҳои муқимии Осиёи Миёна бисёр қавмҳои туркзабон зиндагӣ мекарданд. Сарчашмаҳо дар Фарғона, Хоразм, Чоч ва дигар ноҳияҳои муқимии зироатӣ сукунат доштани миқдори зиёди аҳолии туркзабонро қайд кардаанд. Ба ҳар ҳол дар давраи Сомониён аксарияти аҳолии шаҳрҳо ва ноҳияҳои муқимии зироатии Осиёи Миёнаро тоҷикон ташкил медоданд. Вале ин ҳолат дар аҳди ҳукмронии Қарохониён тағйир ёфта, дар натиҷаи беш аз пеш ба ҳаёти муқимӣ гузаштани бодиянишинони туркзабон ва турккунонии аҳолии маҳаллии тоҷик дар Осиёи Миёна аз ҷиҳати этникӣ бартарӣ пайдо кардани халқҳои туркзабон сар мешавад.

Дар байни табақаҳои ҳукмрон бо ҳам наздикшавии аъёни тоифавии турк ва ашрофи феодалии қадима ба амал омада, онҳо якҷоя истисмори оммаи меҳнаткашро вусъат медиҳанд. Дар айни замон, дар зинаҳои поин

---

[55] Якубовский А. Ю., 1941, с. 3.

[56] Воқеан, баъзе муаррихон кӯшиш карданд, ки ин нуқтаи назарро рад кунанд. Онҳо иддао доштанд, ки воруди тоифаҳои туркзабон хеле барвақт воқеъ гардидааст. Бо ин иддао розӣ шудан мумкин аст. Лекин муаллиф чунин мешуморад, ки ба сарзамини Осиёи Миёна бештар ва ба таври оммавӣ сар даровардани қавму тоифаҳои туркзабон ба ҳар ҳол аз асри VI шурӯъ мешавад.

меҳнаткашони тоҷик ва унсурҳои меҳнаткаши халқҳои турკзабон бо ҳам унс гирифта, дар муборизаи якҷоя ба муқобили зулму истисмори синфи ҳоким риштаҳои дӯстии онҳо, хусусан ӯзбекону тоҷикон маҳкам мегардад. «Дар тамоми шӯришҳои халқии асрҳои баъдина, дар муборизаи қаҳрамононаи зидди истилогарони аҷнабӣ паҳлуи ҳам истодани ниёгони ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ду халқи ҳамсоя –тоҷикон ва ӯзбеконро метавон дид. Мо саҳми махсуси ба ганҷинаи маданият гузоштаи ҳар яки ин халқҳоро омӯхта, дар айни замон робитаи мутақобил ва таъсири байниҳамдигарии онҳоро хотирнишон менамоем»[57]. Дар ақидаи мо чунин нуктае, ки ӯзбекҳо дар қатори тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна вориси тамоми таърих ва маданияти Осиёи Миёна мебошанд, таъкид ёфта, ҳамчунин роли тоифа ва қавмҳои қадимаи эронизабон дар ташаккули халқи ӯзбек нишон дода шуда, ба замми ин, замони сурат гирифтани ин воқеа – асри XI муайян гардида буд.

Ин ақида дар муқаддимаи (муаллиф – А.Ю.Якубовский) нашри аввали «Таърихи халқҳои Ӯзбекистон» (1950) ба назар гирифта шуда[58], дар нашри охирини «Таърихи РСС Ӯзбекистон (1967) ифодаи возеҳу равшани худро ёфта буд[59].

Мувофиқи ин ақида, халқи ӯзбек иштироккунандаи баробарҳуқуқи на фақат воқеаҳои чорсад соли охири Осиёи Миёна, балки давраи бениҳоят тӯлонии таърихи ин сарзамин мебошад.



Мақбараи Махдуми Аъзам. Асри XVI. Ҳисор

[57] Ғафуров Б. Ғ., 1949, с. 223–224.
[58] Тревер К. В., ва диг., 1950, с. 10–12.
[59] История Узбекской ССР, т. 1, 1967, с. 380–381.; ниг. инчунин Ваҳҳобов М., 1961, с. 3–85.

Тадқиқоти минбаъда барои мо имкони сареҳ ва равшантар намудани баъзе нуктаҳои ин ақидаро фароҳам сохт. Қазияи охирин аз ин иборат аст, ки забонро дар муайян кардани ҳудуди таърихи этникии халқҳо ҳамчун нишонаи ягона донистан нашояд. Дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти илми таърих ин қазияро мухтасаран ба тариқи зайл метавон баён кард.

Дар боло роҷеъ ба давраҳои аввали таъсири мутақобили аҳолии эронию турк сухан рафта буд. Ба Осиёи Миёна нуфуз кардани каломи туркӣ бо кӯчиши азими қабилаҳои саҳронишини Осиёи Марказӣ ва шимоли шарқӣ, ки тақрибан дар ҳудуди аҳди нав шурӯъ гардида, муддати чандин аср гоҳ суст шуда ва гоҳ дубора бо қуввати тоза давом кардааст, алоқаманд мебошад Як қисми ин қабилаҳо, аз ҷумла тоифаҳои туркзабон дар ҷараёни кӯчиш ва тохтутозҳояшон дар сарзамини Осиёи Миёна маскан гирифта, иқомати доимӣ ихтиёр намуданд. Алалхусус, аз нимаи дувуми асри VI милодӣ, вақте ки дастаҳои хоқони турк пас аз шикасти ҳайтолиён дар Мовароуннаҳр ҳокимиятро ба даст гирифтанд, теъдоди аҳолии туркзабони Осиёи Миёна афзоиш меёбад. Аз ҳамин вақт сар карда тоифаҳои туркзабон дар сайри ташаккул ва тараққии қавмҳову забонҳои Осиёи Миёна (хусусан, дар вилоятҳои шимолӣ ва шимоли шарқии он) роли ба назар намоёне мебозанд. А.Н. Бернштам оғози ин протсессро дар мулки Фарғона ба асри VII милодӣ нисбат медиҳад[60]. Е.А. Давидович ва Б.А. Литвинский чунин мешуморанд, ки ин протсесс дар ин маҳал андаке барвақт (асрҳои VI–VII) ба вуқӯъ пайвастааст[61]. Дар бораи мавҷудияти аҳолии туркзабон дар Хатлонзамин Хой Чао маълумот медиҳад, ки он ба солҳои 726–727 тааллуқ дорад.

Дар вилоятҳои шарқии Осиёи Миёна (хусусан дар Ҳафтрӯд) ва дар Туркистони шарқӣ, ки аз давраҳои қадим қасабаҳои сершумори суғдиён воқеъ гардида буданд, тадриҷан ҷойи каломи суғдиро каломи туркӣ ишғол менамояд.

Омадани аҳолии туркзабон дар асрҳои X–XII боз ҳам зиёдтар мешавад. Туркҳо дар дастгоҳи идораи давлати Сомониёи, дар қувваҳои ҳарбӣ ва ғ. мавқеъҳои муҳимро ишғол мекунанд. Сулолаҳои турк (ба мисли Ғазнавиён) ба вуҷуд меоянд. Дар охири асри X– ибтидои асри XI мавҷи пуршумори ба Осиёи Миёна фурӯ рехтан ва ҷойгир шудани тоифаҳои мухталифи турктажод: туркони салҷуқӣ, туркманҳо, ғузҳо ва эликхониҳо мушоҳида мешавад. Қавми охирин, яъне эликхониҳо Сомониёнро торумор намуда, давлати бузургеро, ки Мовароуннаҳр, Ҳафтрӯд ва Туркистони шарқиро фаро мегирифт, барпо карданд. Ин давлат, ки дар таълифоти муаррихон бо номи «давлати Қарохониён» ёд мешавад, дар таърихи Осиёи Миёна роли муҳим бозид. Ба ҳайати давлати Қарохониён қабилаҳои уйғур, қарлуқ, чигил, яғмо, арғу, туркеш ва ғ. дохил мешуданд, ки дар байни онҳо қарлуқҳо ва уйғурҳо мавқеи асосӣ доштанд.

Бесабаб нест, ки забони аҳолии турки давлати Қарохониёнро забоншиносон ба қарлуқиву уйғурӣ нисбат медиҳанд. Ин забон як қатор хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва лексикию грамматикиро дорост, ки дар

---

[60] Бернштам А. Н., 1947 в.

[61] Давидович Е. А. ва Литвинский Б. А., 1956, с 207–208. Зоҳиран, аз нуқтаи назари катибашиносӣ намунаи қадимтарин хатҳои туркӣ – навиштаҷоти бостонии туркии шимоли Фарғона ва умуман, Осиёи Миёна ба нимаи дувуми асри VI – ибтидои асри VII нисбат дорад.

«Қутадғу билик»-и Юсуфи Баласоғунӣ, дар баъзе қисматҳои «Девони луғат ат-турк»-и Маҳмуди Кошғарӣ ва ғ. ба назар мерасад[62]. Тоифаҳои турkзабони аҳди қарохонӣ чи бо суғдиёни маҳаллӣ (ва дигар қавмҳое, ки ҳамоно ба забонҳои шарқиэронӣ гуфтугӯ мекарданд) ва чи бо аҳолии тоҷикзабон мутақобилан муносибати хеле наздик доштанд. Масалан, дар замони зиндагии Маҳмуди Кошғарӣ (асри XI) сокинони шаҳрҳои Ҳафтрӯд, аз ҷумла Баласоғун, «тарзи либоспӯшӣ ва урфу одати турконро қабул карданд», онҳо ҳам ба суғдӣ ва ҳам ба туркӣ ҳарф мезаданд ва ҳеҷ касе набуд, ки фақат ба суғдӣ гап занад (аҳолии Тароз ва Исфиҷоб низ чунинанд)[63]. Аз ин маълум мешавад, ки дар нимаи дувуми асри XI суғдиёни Ҳафтрӯд дузабона будаанд ва тадриҷан бо қавмҳои турк омезиш ёфта рафтаанд. Намунаи чунин ҳолатро дар рӯзҳои мо низ метавон мушоҳида кард. Дар ҷануби Ӯзбекистон бо номи «ҳардурӣ» гурӯҳи хурди этникие ҳаст, ки аслан тоҷик буда, то ҳол ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунад. Албатта, дар шеваи он калимаҳои ӯзбекӣ хеле зиёд аст. Тарзи зиндагӣ, хоҷагидорӣ ва бисёр одатҳои ин гурӯҳ бо тоифаҳои ҳамсояи ӯзбек шабоҳат дорад[64].



Мадрасаи Шердор. Солҳои 1619–1636. Самарқанд

[62] Щербак А. М., 1956; Баскаков Н. А., 1969, с. 300–301.
[63] Бартолд В. В., 1964, с. 466–467.
[64] Эшниёзов М., 1956.

Мисоли дигар бо Хоразм алоқаманд аст. Дар асри XII дар он ҷо ду қавми асосӣ: тоҷикон (дар он вақт забони тоҷикӣ ба андозаи зиёд забони хоразмиро танг карда бароварда буд) ва туркон мезистанд. Дар васиқаҳои Текеши Хоразмшоҳ (1172–1200) ҳокимони шаҳрҳои сарҳадии Сирдарё фақат ҳамин ду қавмро ном бурдаанд[65].



Мадрасаи Абдулазизхон. Соли 1652. Бухоро

[65] Семёнов А. А., 1952 с. 24

Мувофиқи шаҳодати олими бузурги Осиёи Миёна – Берунӣ, ки аслан аз Хоразм аст, барояш забони «зотӣ» хоразмӣ буд. Чунонки маълум аст, дар таълифоти асрҳои XII–XIII низ калимаву ибораҳо, ҳатто муколамаҳои тамом хоразмӣ дучор меоянд. Дар айни замон ин таълифот калимаву иқтибосҳои туркӣ ҳам доранд, ки аз ин дар Хоразми асри XIII ба миқдори муайян (эҳтимол хеле зиёд) мавҷуд будани аҳолии туркзабон аён мегардад. Мадракҳои осори муаллифони он замон низ ин иддаоро тасдиқ мекунанд. Чунончи, Плано Карпини, ки солҳои 40-уми асри XIII дар Хоразм будааст, дар бораи «бо кумонӣ» (яъне, бо яке аз лаҳҷаҳои забони туркӣ) гуфтугӯ кардани одамони ин ҷо иттилоъ медиҳад. Яқинан метавон тасаввур кард, ки дар ин вақт аксарияти аҳолии Хоразм дузабона буда, ҳам ба хоразмӣ ва ҳам ба туркӣ муошират доштанд ва зимнан сухани туркӣ нисбат ба хоразмӣ бештар дар истеъмол буд.

Пас аз асрҳои XIII–XIV мо дигар аз мавҷудияти забони хоразмӣ ҳеҷ як мадраке дар даст надорем. Мумкин аст, аз он вақт дере нагузашта, ин забон бо таъсири лаҳҷаҳои туркӣ тамоман аз байн рафта, аҳолии дар собиқ эронизабони Хоразм комилан туркзабон гардида бошад. Шеваҳои туркӣ (ӯзбекӣ ва туркманӣ), ки дар заминаи забони хоразмӣ инкишоф меёфтанд, як миқдор калимаҳои қадимаи хоразмиро низ дар бар гирифта буданд (чунончи, агна – канали калон, уав – канали хурд ва амсоли инҳо дар шеваи ӯзбекии Хоразми ҳозира то ҳол маҳфузанд). Калима ва истилоҳоти қадимаи эронӣ дар номи маҳалҳои ин ноҳия хеле фаровон ба назар мерасанд (аз қабили Ҳазорасп).

Тадқиқи манбаъҳои хаттӣ нишон медиҳанд, ки дар асрҳои XI– XII нуфузи турknажоди Осиёи Миёна хеле афзуда, хусусан дар вилоятҳои шимоли ин сарзамин қисмати зиёди аҳолиро ташкил менамуд. Дар ҳаёти мадании Осиёи Миёна, ҳатто дар маданияти шаҳрнишинон саҳм ва нуфузи туркҳо беш аз пеш нақши равшан пайдо мекунад (ниг., масалан, ба тасвири рӯйи олоти сафолӣ). Забони туркии онвақта, ки дар боло роҷеъ ба он сухан рафт, яъне қарлуқию уйғурӣ асосзабоне буд, ки баъди ба қисмҳо ҷудошавӣ дар заминаи он дар Осиёи Миёнаи пас аз давраи муғул забони ӯзбекии қадим рӯ ба тараққӣ ниҳод. Ин забон аз бисёр ҷиҳатҳо ба пешгузаштаи худ – асосзабон алоқаи хеле наздик дошт[66].

Дар илми таърихнигории советӣ ақидае ҳаст, ки дар «Таърихи РСС Ӯзбекистон» мухтасаран баён ёфтааст: «Дар асрҳои XI–XII ташаккули халқияти ӯзбек асосан ба анҷом расида, минбаъд ба худ номи «ӯзбекҳо»-ро мегирад[67]. Дар ин ҷо калимаи «асосан» дуруст оварда шудааст, зеро ташаккули халқи ӯзбек (мисли халқи тоҷик) муддати дурударозеро дар бар мегирад. Тафриқаҳои тоифавӣ ҳамоно ба таври равшан зоҳир мегардид, туркони навомада аз аҳолии муқимии туркзабоншуда ва ҳам аз он кӯчнишинони турkзабон, ки ҳанӯз дар замони пеш аз арабҳо ба Осиёи Миёна омада буданд, тафовути ҷиддӣ доштанд. Ин давраи ташаккули забони ӯзбекии қадим буд[68].

Футуҳоти муғулҳо ба харитаи этникии Осиёи Миёна боз дигаргуниҳои калон дохил намуд. Кӯчида омадани миқдори зиёди бодиянишинони муғул дар

[66] Шербак А. М., 1959, с. 108–109.
[67] История Узбекской ССР, т. 1, 1967, с. 380.
[68] Малов С. Е., 1961, с. 221–222

ин амр омили хеле муҳим гардид. Тоифаҳои муғулии манғит, ҷалоир, барлос ва ғ. пас аз сукунат ёфтан дар Осиёи Миёна, дере нагузашта, ҳама аз ҷиҳати забон турк шуданд[69]. Сабаби асосии тоҷик нашуда, маҳз турк шудани тоифаҳои ба ин сарзамин омадаи муғул дар он аст, ки тарзи зиндагии ҳам муғулҳо ва ҳам туркҳо бодиянишинӣ буд, ва аз ин рӯ, табиист, ки муғулҳо ва туркҳо бо ҳам робитаи наздик доштанд. Вале аз он, ки ин ҷараён хеле зуд ва босуръат ба вуқӯъ пайваст, ба чунин хулоса расидан мумкин, аст, ки ин тоифаҳои муғул ба муҳити ниҳоят пурнуфузи туркҳо афтода будаанд.

Дар асрҳои XIV–XVI забони ӯзбекии қадим, аз ҷумла шакли адабии он низ мавҷудияти худро нигоҳ дошта, ба дараҷаи олии такомул мерасад. «Дар ин давра як қатор лаҳҷаҳои арзӣ ба вуҷуд меоянд, аммо тафовутҳои забонии тоифаҳо ҳанӯз роли муҳим мебозиданд. Дар хиттаи Фарғона, дар Мовароуннаҳр ва Хоразм намояндагони се гурӯҳи шеваҳои асосӣ: қарлуқиву уйғурӣ, уйғуриву оғузӣ ва қипчоқӣ дар таносубҳои гуногун бо ҳам дар муоширaт буданд»[70]. Забони туркии аҳолии Мовароуннаҳр, ки дар баробари иқтибоси фаровони калимаҳои эронӣ бисёр унсурҳои туркии шарқиву ғарбиро дар худ фароҳам оварда буд, ҳамчун асоси забони адабӣ хизмат намуд[71]. Дар забони адабӣ калимоти эронӣ ва арабӣ хеле зиёд истеъмол мешуд (аксар вақт 40–50% таркиби луғавиро ташкил мекард), ҳамчунин таркибҳои ба забони туркӣ хоснабуда мавриди истифода қарор мегирифт. Бисёр шоирон ба туркӣ ва форсӣ шеър мегуфтанд (чунончи, Лутфӣ ва дигар шоирони гузашта ва муосири Навоӣ, инчунин худи асосгузори адабиёти ӯзбек, ки ӯро ҳамасронаш «зуллисонайн» номидаанд)[72].

Дар асрҳои XIV–XV ба таври оммавӣ турккунонии аҳолии муқимии шаҳру деҳот хусусан Хоразм, Ҳафтрӯд, воҳаи Тошканд ва Фарғона ба амал омад. Дар сарчашмаҳо ин аҳолии муқимӣ аксаран бо номи «сартҳо» вомехӯранд [73] ва зимнан, чунонки аз «Бобурнома» маълум мешавад, ин ном ба сокинони ҳам турказабон вз ҳам тоҷикзабони ин маҳалҳо нисбат дошт ва ин худ аз худ ишораест бар он, ки он вақт дар миёни турказабонону тоҷикзабонон тафриқаи назаррасе набудааст.

Он чӣ оид ба истилоҳи «ӯзбек» бошад, ҳама гуна кӯшишҳои бо ҳукмрони Олтинӯрда – Ӯзбекхон (1312–1340) вобаста намудани ин ном асосе надорад.[74] Метавон фарз кард, ки дар солҳои 50 ё 60-уми асри XIV таҳти ин ном аҳолии турку муғули Дашти Қипчоқ дар назар дошта мешуд ва пас аз он ки иттиҳодияи қабилаҳои бодиянишин бо роҳбарии Шайбонихон дар ҳудуди асрҳои XV ва XVI ба Мовароуннаҳр ва Хуросон сар даровcovered, ин ном ба «аҳолии турказабони ин вилоятҳо нисбат ёфт[75], яъне халқи ӯзбек аз ҳамон вақт номи худро пайдо намуд.

[69] Шербак А. М., 1956, с. 109.
[70] Шербак А. М., 1962, с. 223.
[71] Ҳамон асар, с. 211.
[72] Ҳамон асар, с. 20; Рустамов Э. Р., 1963; Бертелс Е. Э., 1965 а.
[73] Роҷеъ ба ин истилоҳ ва таърихи он ниг.: Остроумов Н. П., 1908; Самойлович А., 1910; Бартолд В. В., 1964 ж, 1964 з, Ваҳҳобов М. Л., 1961, с. 31–33.
[74] Семёнов А.А., 1954, б. с. 3–37; Аҳмадов Б.А., 1965 а, с. 11–12. Муқ. Греков Б.Д., Якубовский А. Ю., 1950, с. 298–302.
[75] Ахмадов Б. А., 1965 а, с. 11–17. Роҷеъ ба таносуби истилоҳоти «ӯзбек» «қазоқ» дар асрҳои XV–XVI ниг.: Иброҳимов С. К., 1960 а, 1960 б.

Албатта, кӯчида омадани оммаи нави сершумори тоифаҳои турквзабон, ки барои халқ ном ҳам овард, ҳодисаи муҳим буд, вале вай лаҳзаи асосӣ ва принсипиалии таърихи халқи ӯзбек ба шумор намеравад. Гап дар сари он аст, ки ӯзбекҳои бодиянишини ба Мовароуннаҳр омада аксаран аз худи ҳамон қабилаҳое буданд, ки ҳанӯз дар замонҳои пешин дар Осиёи Миёна зиндагонӣ мекарданд.

Донишмандони забони туркӣ муқаррар кардаанд, ки «аллакай дар асрҳои XIV–XV сохти грамматикӣ ва захираи асосии луғавии забони қавми ӯзбек тақрибан дар ҳамон шакле, ки дар рӯзҳои мо арзи андом мекунад, муқаррар гардида буд», ҳатто дар Мовароуннаҳр сукунат ёфтани тоифаҳои бодиянишини ӯзбек на хусусиятҳои забонӣ ва на типи этникии халқи вуҷуддоштаи ӯзбекро тағйир надод[76].

Инкишофи минбаъдаи этникии халқи ӯзбек бо чанд роҳ ҷараён ёфт. Бо ташаккули ваҳдат ва робитаи арзӣ тадриҷан аз байн рафтани хусусияти парокандагии ҷойгиршавӣ ва сохтмони иҷтимоӣ ба амал омад. Бояд гуфт, ки ин протсесс ҳатто дар замони нав ҳам ба анҷом нарасида, дар баъзе ноҳияҳо ҷудоии қабилавӣ ва қавмияю тоифавӣ ҳамоно давом мекард. Аммо дар он ҷойҳое, ки гузариш аз ҳаёти бодиянишинӣ ба ҳаёти нимбодиянишинӣ ва хусусан ба тарзи зиндагӣ ва хоҷагидории муқимӣ ба вуқӯъ меомад, ин ҷараён суръати бештаре дошт. Баробари ин дар миқёси васеъ бо турккунонии аҳолии маҳаллии тоҷикзабон бо шаклҳои мухталифи дузабонӣ (аз ҷузъӣ то куллӣ) ва дар айни замон тоҷиккунонии гурӯҳҳои ҷудогонаи ӯзбекон давом мекард. Ҳамаи ин тамоюлоти мураккаб, мухталиф ва зидди якдигар ҷамъан ба бартараф шудани тафовути ҷузъҳои таркибӣ ва аз ҷиҳати этникӣ мутамарказ гардидани халқи ӯзбек оварда расонданд.

Дар боло борҳо хотирнншон гардид, ки халқи ӯзбек бар асоси аҳолии муқимии эронизабон, ки чандин мартаба ба он тоифаҳои турквзабон пайваст шуда ва гурӯҳҳои туркшуда бо ҷузъҳои таркибии нави туркӣ омезиш ёфтаанд, ба вуҷуд омад. Мутаассифона, дар илм ҳоло чунон усулҳое, ки бо кумаки онҳо муқаррар кардани таносуби миқдории ин ва ё он ҷузъи таркибӣ имконпазир гардад, вуҷуд надоранд. Ин муамморо ба василаи таҳлили мадракҳои антропологӣ низ ҳал кардан амри маҳол аст. Инро ҳам бояд дар назар дошт, ки тоифа ва қавмҳои турквзабони ба Осиёи Миёна омада метавонистанд то ба ин сарзамин кӯчиданашон омезиши нажодӣ пайдо кунанд. Воқеан ҳам, мадракҳои антропологӣ ба ҳар ҳол дар ин хусус барои мулоҳизаи тахминӣ баъзе имконот фароҳам меоваранд. Дар ҳақиқат, аз байни се халқи турквзабони нисбатан сернуфузи шимоли Осиёи Миёна – ӯзбекҳо, қазоқҳо ва қирғизҳо ду халқи охирӣ аз лиҳози шаклу шамоил муғулнажод (қирғизҳо назар ба қазоқҳо бештар муғулнажод) ва ӯзбекҳо аврупоинажоданд. Ӯзбекҳо аз ҷиҳати антропологӣ ба ҳамон нажоде, ки тоҷикон тааллуқ доранд, мансуб мебошанд. Тафовути зоҳирӣ дар миёни тоҷикону ӯзбекон аз ин иборат аст, ки ӯзбекон бештар омезиши муғулӣ доранд.

Бо вуҷуди ин, чунонки антропологҳо хотирнишон мекунанд, «типи антропологии ӯзбекон бар асоси типи нажодии қадими аврупоисурати маҳаллӣ қарор гирифта, аломатҳои муғулӣ ба он фақат изофа шудаасту бас»

---

[76] Шербак А. М., 1956, с. 109-110.

(В.В. Гинзбург). Чунин аст нуқтаи назари Л.В. Ошанин, А.И. Ярхо, В.В. Гинзбург[77]. Типи нажодии тоифаҳои кӯчнишини ӯзбек гоҳо назар ба ӯзбекони муқимӣ бештар муғулист. Чунончи, барои исботи ин иддао метавон лақайҳоро мисол овард. Дар айни замон, ӯзбекони қарлуқ, шамоили муғулии худро тамоман гум карда, бо аҳолии маҳаллӣ «аралаш» шуда рафтанд ва аз тоҷикон ягон тафовуте надоранд [78]. Ҳамин тариқа, аз омезаи сохти қиёфаи муғулӣ то шабоҳати нисбатан камтар, ки дар ин сурат миёни ӯзбек ва тоҷик фарқе намемонад, таҳаввули симои нажодии ӯзбекони имрӯза ба назар мерасад. Барои қиёс ҳаминро бояд қайд кард, ки ба истиснои тоҷикони помирӣ, ки ягон омезаи муғулӣ надоранд, дар ҳамаи гурӯҳҳои боқимондаи тоҷикон кам ё беш ин омеза мушоҳида мешавад: бештар дар тоҷикони Фарғона, ноҳияҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии Тоҷикистон ва ба дараҷаи камтар дар тоҷикони Бухоро, Самарқанд ва саргаҳи Зарафшон[79].

Ба ин тариқа, чунонки мадракҳои антропологӣ нишон медиҳанд, қисми асосии халқи ӯзбек аз аҳолии маҳаллии аврупоисурати Осиёи Миёна, ки дар натиҷаи омезиш ёфтан бо қавмҳои типи нажодии ҷанубисибирӣ як андоза қиёфаи муғулӣ пайдо карда буд, фароҳам омадааст. Инро аз нуқтаи назари таърихи нажодҳо тавзеҳ дода, бояд хотирнишон кард, ки ҷузъи асосии таркиби халқи ӯзбек, агар онро ба таври куллӣ гирем, аҳолии аслии Осиёи Миёна мебошад. Турконии қисмати он хеле барвақт, дар давраҳои аввали асри миёна шурӯъ гардида, баъдҳо бо суръати беш аз пеш идома ёфт. Зимнан, ҷараёни аз ҷиҳати забон турконӣ назар ба ҷараёни биологии муғулонӣ тезтар ва васеътар сурат мегирифт. Ба ин ҷараёнот гурӯҳҳо ва табақаҳои нав ба нави аҳолӣ кашида мешуданд. Дар байни қавму тоифаҳои ба дараҷаи гуногун муғулӣ ва туркишуда дар бобати ҳамзистӣ ва амали мутақобили хеле наздик бо қавмҳои аврупоисурати эрону тоҷикзабон тағйироти мураккабе рух медод. Амали мутақобила аз лиҳози нажодӣ боиси бо ҳам даромехтани ҷараёнҳои гуногунравия мегардид; ҳодисаҳои аз мансубияти туркӣ баргаштан низ ба вуқӯъ омада, манзараи умумиро боз ҳам мураккабтар месохтанд.

Чунин аст мухтасаран мулоҳизаҳои мо доир ба таърихи ташаккули нажодҳо. Таърихи хуб бо санадҳо тасдиқшудаи маданияти Осиёи Миёна, аз ҷумла адабиёти он, ин мулоҳизаҳоро комилан собит менамояд ва бо тамоми ҷузъиёташ шарҳ медиҳад. Мо дар сари ин масъала батафсил таваққуф нахоҳем кард, хусусан ки равобити адабии тоҷику ӯзбек аз тарафи адабиётшиносон ба таври амиқ тадқиқ шудааст[80]. Тимсоли барҷастаи қаробати адабиёти ду халқи бародар ҳаёт ва эҷодиёти ду фарзанди барозандаи халқҳои тоҷику ӯзбек – Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ мебошад[81]. Маводҳои этнографӣ низ бағоят муҳимманд, зеро онҳо барои возеҳ ва воқеӣ тасаввур кардани ҷараёни муносибатҳои байни тоҷикону ӯзбекон кумак мерасонанд (дар ин бобат асарҳои этнограф Б.Ҷ. Кармишева хеле ҷолибанд) ва муҳимтар аз ҳама ин, ки то чӣ андоза наздик будани маданият ва тарзи зиндагии ҳозираи

[77] Ошанин Л. В., 1957, с. 93–100; Гинзбург В. В., 1964, с. 132-133.
[78] Ошанин Л. В., 1957, с. 34-35.
[79] Гинзбург В. В., 1949, с. 316-331.
[80] Брагинский И. С., 1962.
[81] Махсусан ниг.: Бертелс Е. Э., 1965 а.

халқҳои тоҷик ва ӯзбекро нишон медиҳанд ва ин наздикӣ ба дараҷаест, ки баъзан ҳудуди байни онҳоро ҳатто шартан бошад ҳам, муайян кардан мумкин намешавад. Ҳамсоягии чандинасра ва иртиботи хеле наздик, ҳамчунин мавҷудияти бунёди умумӣ боиси ба забони ӯзбекӣ нуфуз ёфтани калимоти тоҷикӣ ва ба забони тоҷикӣ дохил шудани калимоти ӯзбекӣ гардидааст. Забоншиносон таъсири мутақобили чашмрасеро дар сохти грамматикии ин забонҳо низ қайд кардаанд. Дузабонии тоҷикию ӯзбекӣ як ҳодисаи хеле маъмулист.

Ба ин тартиб, агарчанде ки халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар замонҳои гуногун ташаккул ёфта ва забони ин халқҳо ба гурӯҳҳои мухталифи забонҳо тааллуқ дошта бошад ҳам, бунёди аслии нажодию антропологии онҳо як аст. Тақдири таърихии ин халқҳо ва маданияти онон пайвандҳои ногусастанӣ дорад. Дар асрҳои миёна маданияти ӯзбек ва маданияти тоҷик фақат дар баъзе соҳаҳо, он ҳам асосан аз ҷиҳати забон, тафовут пайдо намуда, ҳар яке дорои хусусият ва анъанаҳои худ гардидааст, вале таъсир ва робитаи мутақобила дар ин соҳаҳо низ хеле зиёд ба назар мерасад. Тоифа ва қавмҳои туркӣ ва шарқиэронӣ, тоҷикон, ӯзбекон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар хоки як давлати таъсисёфта, дар як шаҳр ва деҳкада паҳлу ба паҳлу зиндагӣ мекарданд. Онҳо дӯш ба дӯш истода, ба муқобили истилогарони аҷнабӣ ҷангидаанд, дар муборизаҳои синфии зидди истисморгарони «худӣ» якҷоя иштирок намудаанд. Албатта, баъзе ҳодисаҳои нифоқу бадхоҳӣ ҳам рух медод, вале заминаи муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо аз дӯстии самимӣ, ҳамзистии бо сулҳу сафо ва ҳамкории аҳлона фароҳам омада буд.

Баъзе тафовутҳои нажодие, ки мо дар ин ҷо сухан рондем, ҳеҷ гоҳ асоси муқобилгузории як халқ бо халқи дигар нахоҳад шуд. Дар тараққиёти тамаддуни умумиинсонӣ ҳамаи мардумони Осиёи Миёна саҳми бузург гузоштаанд. Ҳам халқҳои эронизабон ва ҳам халқҳои туркзабонро арбобони барҷастаи илму маданият ҳастанд, ки онҳо мояи ифтихори тамоми халқҳои Осиёи Миёна мебошанд.

## 4. МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

### Бинокорӣ ва меъморӣ

Дар асри XVI бинокорӣ хеле авҷ гирифт. Хусусан, сохтмони биноҳои маъмурӣ, хоҷагӣ ва маданию маишӣ вусъати зиёде пайдо намуд, ки ин яке аз ҷиҳатҳои хоси ин давра ба шумор меравад. Дар бисёр шаҳрҳо ва роҳҳои корвонгард кӯпрукҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо ва тиҷоратхонаҳои боҳашамат сохта шуданд. Дигар иморатҳои муҳташам, аз қабили мадраса, масҷид, мақбара ва хонақоҳ низ ба вуҷуд омаданд. Агар ба ин ҳама он биноҳои сершуморero, ки дар он вақт сохта шуда, вале то замони мо нарасидаанду фақат дар вақфномаҳо ва дигар манбаъҳо зикр гардидаанд, илова кунем, он гоҳ доир ба вусъати фаъолияти бинокорӣ дар ин аср тасаввуроти пурра ҳосил мешавад.

Биноҳои нав аз ҳама бештар дар Бухоро ва атрофи он сохта шуданд.[82] Бемуболиға гуфтан мумкин аст, ки симои Бухорои охири асри миёнаро маҳз иморатҳои дар асри XVI сохташуда муайян мекунанд. Дар ҳамин давра девори нави шаҳр, ки масоҳати он вақт хеле вусъатёфтаи онро иҳота менамуд, ба вуҷуд омад. Дар охирҳои асри XVI Абдуллохони II барои хотири шайхони бонуфуз ва давлатманди ҷӯйборӣ тамоми амлоки бузурги ононро ба ҳудуди шаҳр дохил намуд.

Аз ин рӯ, муҳимтарин хусусиятҳои санъати меъмории асри XVI[83] бештар дар иморатҳои Бухоро таҷассум ёфтаанд. Агар синтези тамоюлҳои анъанавӣ ва навин хоси сохтмони масҷиду мадрасаҳо бошад, дар биноҳои ҷамъиятӣ мавқеи асосиро тамоюли нав ишғол менамояд.

Дар бинокориҳои асри XVI аз ҷиҳати нақшакашӣ ва тарҳрезӣ ҷустуҷӯҳои ҷолибе ба назар мерасанд. Хусусан, гунбаз ва қуббаҳо хеле зебо ва мутаносиб сохта шуда, бо ҳаҷм ва таъйиноти бино мувофиқати комил пайдо кардаанд. Дар рехтани тарҳи иморат хеле дур шудан аз қолабҳои анъанавӣ мушоҳида мешавад. Аз он аср чанд нақшаи ҳақиқии иморатҳои гуногун ба даст расид, ки, зоҳиран, ба лоиҳаи намунавӣ монанд аст[84]. Дар байни онҳо лоиҳаи хонақоҳ ҳам ҳаст. Баъзе биноҳои хонақоҳи дар асри XVI сохташуда аз ин лоиҳаи намунавӣ фақат дар ҷузъиёти тарҳи худ фарқ мекард. Вале як иморати хонақои охири асри XVI дар Файзобод аз ҷиҳати ҳаҷм ва тарҳаш тамоман нав мебошад: дар ду тарафи пешрӯи иморат айвонҳои дарози қуббадор сохта шудаанд, ки дар шароити иқлими гарми Осиёи Миёна вазифаи гирифтани пеши бодҳои тафсонро адо мекарданд.

Мисоли дигар – мадрасаи асри XVI. Нақшаи мадраса хеле пештар ба вуҷуд омада, расмият пайдо карда буд ва баъзе мадрасаҳои асри XVI асосан ҳамонро фақат такрор мекарданд. Тарҳи мадрасаҳои дигар аз лоиҳаи анъанавӣ тафовути ҷиддӣ дошт ва бештар ба ҷиҳатҳои амалӣ асос ёфта буд: меъморон имкони зиёд кардани миқдори ҳуҷраҳо ва ба вуҷуд овардани манзилҳои ёрирасонро ҷустуҷӯ мекарданд. Аз ин нуқтаи назар мадрасаи Мири Араб ва, алалхусус, мадрасаи Абдуллохон дар Бухоро ҷолиби диққат мебошанд. Тарҳи мадрасаи Абдуллохон хеле мавриди таваҷҷуҳ аст. Андаруни мадраса ҳавлии росткунҷаи муқаррарист, ки атрофи онро дар ду табақа ҳуҷраҳо иҳота кардаанд. Дар миёнаҷои чор тарафи он чор айвон сохта шудаанд, ки ба назар муқаррарӣ манамоянд. Аммо дар амал дутои онҳо ба комплексҳои ҷудогонаи манзилҳои иловагӣ пайвастаанд ва вурудгоҳ доранд. Яке аз ин комплексҳо ҳавличаи дарунист, ки ҳашт гӯша дошта, болояш бо гунбаз пӯшида шудааст ва атрофашро ҳуҷраҳо иҳота кардаанд. Миқдори умумии ҳуҷраҳои мадрасаи Абдуллохони II аз нақшаи муқаррарӣ хеле зиёд аст.

---

[82] Шишкин В. А., 1936.

[83] Адабиёти илмӣ оид ба санъати меъмории асри XVI фаровон аст, асарҳои тавсифкунандаи ёдгориҳои алоҳида ва тадқиқоти ҷамъбасткунанда мавҷуданд: Воронина В. Л., 1950, с. 93–96; Давидович Е. А., 1950 а; Дмитрим В. И., 1950; Литвинский Б. А., 1953; Массон М. Е., 1936; Пугаченкова Г. А., 1962; 1968; Пугаченкова Г. А. ва Ремпел Л. И., 1958; Ратия Ш.Е. ва Воронин Л. Н., 1936; Френкель Н. И., 1950. Бакланов Н., 1944;

[84] Пугаченкова Г. А., 1962, с. 194–210.



Катибаи Бобур дар санг. Мастчоҳ

Такомули тадриҷии ороиш ва нақшу нигори пештоқҳо ва рӯйи деворҳои асосии биноҳо низ бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Дар санъати меъмории нимаи аввали асри XVI анъанаҳои аҳди темурӣ ҳоло идома дошта, марҳилаҳои нави тараққиёти худро ба сар мебурданд. Хотамкории рангубаранги қимат ва пурзаҳмат хеле васеъ ба кор бурда мешуд, хиштҳои кошинкорӣ, мисли асри XV, бо нақшҳои зебо ва рангҳои мутаносиби кабуду сафеду нилобӣ ҳамоно асоси ороишоти биноҳо ба шумор мерафтанд, сафолтахтаҳои сирдори поини деворҳо бо нақшбандиҳои нафиси заррин зеб дода мешуданд, нақшҳои барҷастаи зарандуду нилобии бо усули кундал дар ниҳояти нафосат ва зебоӣ кашидашуда ҳар бинандаро моту мабҳут месохт.

Чунин тариқи ороишотро мо дар ёдгориҳои Бухоро, аз қабили Масҷиди Калон, Мадрасаи Мири Араб, Масҷиди Баланд ва Масҷиди Ҳоҷӣ Зайниддин, дар мақбараи Сиюнҷихони Тошканд, Мадрасаи Абдулатиф Султон (Кӯкгунбаз) дар Ӯротеппа ва ғ. низ дида метавонем. Махсусан, Масҷиди Баланд ва Масҷиди Ҳоҷӣ Зайниддин бо нақшу нигорҳои ниҳоят зебо ва муҷаллали худ касро ба ҳайрат меоваранд. Масалан, тамоми деворҳои Масҷиди Баланд бо тасвироти рангубаранг ороста гардидаанд: дар ин ҷо сафолтахтаҳои минокории бо нақшҳои заррин зинатёфта, хотамкориҳои нафиси шаклҳои мураккаб ва нақшбандиҳои кундалро метавон дид.



Тоқи Саррофон. Асри XVI. Намуди умумӣ. Бухоро

Дар нимаи дувуми асри XVI ҳусни зоҳирии иморатҳои бошукӯҳ тағйир меёбад. Акнун василаҳои нисбатан арзонбаҳо ва камзаҳмати ороиш ба кор бурда мешаванд. Аммо аз ин чунин барнамеояд, ки дар ҷиҳати бадеии ҳунари меъморӣ таназзул рух дода бошад. Ҳунармандони гулдаст тавассути арзонтарин воситаҳо шоҳкориҳои ҳайратангезе ба вуҷуд меоварданд. Аз ҷумлаи ин шоҳкориҳо гунбазҳое мебошанд, ки фақат дар натиҷаи ба шакли коҷ чидани хишт ба худ сурати зебое гирифта, дар назари бинанда мисли як ситораи сеқираи мушаъша намудор мешаванд. Аксар вақт ороиши гунбазҳо тавассути сохтани гӯшаҳои яклухти гаҷӣ ва бо хиштҳои муқаррарии сайқалӣ

пур кардани байни онҳо таъмин мегардид. Моддаи асосии зебу зинати дохили биноҳоро гаҷи сафед ва ранга ташкил мекард. Усули истифода аз он гуногун буд. Баъзан гаҷро ба девор ду бор мемолиданд (дафъаи аввал гаҷи ранга, дафъаи дувум гаҷи сафед), сипас дар рӯйи гаҷи сафед ҳар навъ нақшҳо мекашиданд. Дар мавридҳои дигар ба девор аввал гаҷи сафед молида, онро бо тасвирҳо оро медоданд ва пас аз он гаҷи рангаро ба шакли нақшҳои кандакорӣ «рӯйкаш» мекарданд. Беҳтарин намунаҳои чунин ороишоти арзонбаҳо, вале бисёр зеборо метавон дар хонақоҳи Файзободи назди Бухоро ва Баҳоуддин мушоҳида намуд.

Дар Осиёи Миёнаи асри XVI ҳам биноҳои ҷудогонаи бошукӯҳ ва ҳам муҳташами ҷомеъ сохта мешуданд, ки баъзе аз онҳо, аз қабили Масҷиди Калон ва мадрасаи Мири Араб аз калонтарин ансамблҳои меъмории Осиёи Миёна ба шумор мерафтанд. Дар чор тарафи ҳавлии калони росткунҷаи дарунии Масҷиди Калон айвонҳои дароз сохта, болои онро бо сесад гунбаз пӯшидаанд, ки онҳо бар сутунҳои мураббаъ устуворанд. Даромадгоҳи асосии масҷид дар тарафи кӯча воқеъ гардида, худи иморати он дар пешгаҳи ҳавлӣ ҷой гирифтааст ва бомашро гунбази нилобие, ки бар устувонаи баланд қарор гирифтааст, зеб медиҳад. Мадрасаи Мири Араб, ки рӯ ба рӯйи Масҷиди Калон воқеъ аст, нисбатан хурдтар мебошад. Вале байни мадрасаву масҷид аз ҷиҳати тарҳу сохт таносуби комил хеле моҳирона ба даст оварда шудааст: мадраса рӯйи суфаи баланд бино ёфта, тарафи пеши он бо бурҷҳои калони кунҷӣ «ҷасимтар» гардидааст.

Ансамбли меъмории Чорбакр, ки дар наздикии Бухоро воқеъ аст, боз ҳам бузургтар мебошад. Маркази композитсионии онро се иморати боҳашамати дар як суфа гузошташуда – хонақо, масҷид ва айвони пайвасткунандаи онҳо, ки аз ду тарафи он дар ду табақа ҳуҷраҳо сохта шудаанд, ташкил менамояд. Дар ин маҷмӯи иморат ҳавличаҳое низ ҳастанд ки дар онҳо дахмаҳои хонаводагӣ бо теъдоди зиёди сангҳои рӯйи қабр воқеъ гардидаанд.

Водии Ҳисор низ аз ёдгориҳои меъморӣ бой аст. Ҳисор дар асрҳои XV–XVI ба авҷи равнақи худ расида буд. Дар ин давра ҳудуди он вусъат пайдо карда, ҷануби Тоҷикистон, ҷануби Ӯзбекистон, вилоятҳои шимолии Афғонистон (Балх, Шибирғон, Қундуз), инчунин Бадахшонро дар бар мегирифт. Иморатҳои Қалъаи Ҳисор, аз қабили Мадрасаи Куҳна, Мазори Махдуми Аъзам ва ғ. шоҳиди санъати баланди меъмории Ҳисори онвақта мебошад[85].

Сохтмони биноҳои ҷамъиятӣ аз иморатҳои масҷиду мадрасаҳо фарқ мекард. Дар чорроҳи баъзе хиёбонҳо бинои чорсу бардошта, ба тӯли хиёбон тоқҳо ва корвонсаройҳо месохтанд. Маҷмӯи ин бинокориҳо боиси ба худ шакли муайян гирифтани майдонҳо, кӯчаҳо ва чорроҳҳо мегардид. Калонтарини ин қабил ансамблҳои меъморӣ дар ду маҳалли Бухоро ба вуҷуд омада буд: яке дар Регистон (ҳоло аз он асаре боқӣ намондааст) ва дигаре дар чорроҳи ду кӯчаи пешинаи шаҳристони қадими Бухоро, ки ба самти шимол то беруни марзи шаҳристон давом мекард (аз он ҳоло се чорсу ва тоқи Абдуллохон маҳфуз мондааст).

[85] Давидович Е. А., Мухторов А., 1969.

Барои ҳар чи пурратар тасаввур намудани санъати асри XVI чунин навъҳои касбу ҳунари амалӣ, мисли кандакории рӯйи санг ва чӯбро низ бояд зикр кард. Дар ин соҳа комёбии устодони асри XVI хеле назаррас аст. Сангҳои сершумори рӯйи қабр дар маҷмӯи иморати номбурдаи Чорбакр аз намунаҳои барҷастаи ҳунари кандакории он давр маҳсуб мегардад. Ин сангҳо бо катиба ва нақшунигор ороиш ёфта, гӯшаҳои онҳо ба шакли сутунча даровварда шудааст. Баъзе сангҳои рӯйи қабр ба худ шакли хурди мақбараи қуббадорро гирифтаанд. Беҳтарин намунаҳои кандакории рӯйи чӯб ҳаккокии сақфи Масҷиди Баланд, дари чанде аз мадрасаҳо ва ғ. мебошад.

Дар асри XVI ороиши бадеии китобҳои дастнавис ба дараҷаи баланд расида буд.[86] Китобхонаҳое, ки дар дарбори баъзе султонҳо мавҷуд буданд, дар айни ҳол вазифаи коргоҳи китобат ва ороиши дастнависҳоро адо мекарданд. Дар Осиёи Миёнаи он замон бисёр миниётурсозон ва хушнависони забардаст ҳаёт ба сар мебурданд, ки чанде аз онҳо ба ин сӯ аз Ҳирот омада буданд. Миқдори зиёди дастнависҳое, ки дар асри XVI хушнависони маҳаллӣ китобат кардаанд ва миниётурсозони он давр зинат додаанд, ба замони мо расидаанд. Дар байни ин хушнависону миниётурсозон касоне ҳам буданд, ки бо истеъдод ва қареҳаи олии худ шуҳрати ҷаҳонӣ ёфта, аз мумтозони замон ба шумор мерафтанд.

Баъзе муҳаққиқон ба чунин хулосае омадаанд, ки миниётури Осиёи Миёна дар асри XVI дорои мактаби мустақили худ гардидааст. Пеш аз ҳама, Г.А.Пугаченкова ин иддаоро муфассалтар (ҳарчанд ки фикру ақидаҳои вай ҷиҳатҳои баҳсталаб низ доранд) баён намуда, зимнан тараққиёти ин мактаби осиёимиёнагии миниётурро ба чанд марҳила тақсим кардааст. Марҳилаи аввал (то солҳои 40-уми асри XVI) –давраи ҳамзистии ду равия. Як гурӯҳи миниётурсозон ба анъанаи Беҳзод пайравӣ мекарданд. Гурӯҳи дигар равияи андаке дигарро пеш гирифта, зарофатро камтар ва мухтасариро бештар меписандиданд ва офаридаҳои онҳо бештар ҷанбаи этнографӣ дошт. Хусусиятҳои ин равияро беҳтар аз ҳама миниётурҳои «Фатҳнома» метавонанд тавсиф намоянд. Асар ба васфи корномаҳои Шайбонихон бахшида шуда, китобати он дар ибтидои асри XVI ба вуқӯъ пайвастааст. Миниётурҳо бо мазмуни ҳар фасл ва воқеаҳои муайяни таърихӣ мувофиқат доранд, дар онҳо симои як қатор шахсони таърихӣ, аз ҷумла худи Шайбонихон ҳам тасвир ёфтааст. Тамоми ҷузъиёти зист, либос ва ҷиҳозот комилан воқеӣ акс гардидаанд. Дар онҳо омезиши маданияти муқимӣ ва саҳроӣ возеҳу равшан ба назар мерасад. Тасвироти дигар асарҳои таърих низ ба ҳамин минволанд. Мавриди аҷобат аст, ки дар «Таърихи Абулхайр», ки дар асри XVI таълиф ёфтааст, агарчи баёни воқеаҳо фақат то аҳди Абулхайрхон давом мекунад, аммо миниётурҳо «модернизатсия» шудаанд: либосҳо, ҷиҳат ва ҷузъиёти зист, сарфи назар аз замони вуқӯи ҳодисот, ба асри XVI мансубанд.

[86] Галеркина О. И., 1956; Долинская В. Г., 1955; Пугаченкоеа Г. А., Ремпел Л. И., 1956; Семёнов А. А., 1946 б ва ғ.



Миниётури асри XVI. Вазири одил ҷавони роҳзанро аз қатл наҷот медиҳад. Бухоро



Миниётури асри XVI. Бухоро

Дар ин давра протсесси эҷоди бадеӣ асосан иборат аз ҳамин буд, ки миниётураҳои Ҳирот ниҳоят муфассал омӯхта ва аз он нусхабардорӣ карда мешуд. Ҳатто чунин ҳодисаҳое маълум, ки рассомони Осиёи Миёна аз расмҳои давраҳои пешинаи Ҳирот баъзе манзараҳо ва баъзе композитсияҳои томро айнан кӯчонда мегирифтанд. Яке аз чунин композитсияҳои том, ки хеле маъмул буд, лавҳаҳое мебошанд, ки бо номи манзараҳои тахти подшоҳӣ машҳур гардидаанд. Дар айни ҳол, дар дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна анъанаҳои маҳаллии расмкашӣ вуҷуд дошт (маркази ин анъанаҳо, масалан дар Самарқанд ва Тошканд буд). Дар расмҳои ин ҷойҳо таъсири мактаби Ҳирот қариб ҳис карда намешавад. Рассомон беш аз ҳама «ба тасвири ҳақиқии воқеаҳо ва юришҳои ҳарбии конкрет» [87] мароқ доштанд.

Дар марҳилаи дувум, аз миёнаҳои аср сар карда, дар офаридаҳои беҳтарин миниётурсозон як навъ омезиши ин ду сабк ба амал меояд. Тасвирҳои онҳо хеле нафис, дақиқ ва зебоянд, вале, баробари ин, дар онҳо таҳлили психологӣ, мазмуни иҷтимоӣ ва мавзӯоти жанрӣ торафт мавқеи бештар ишғол менамояд. Дар ин маврид ба тасвири симо низ аҳамият дода мешавад. Яке аз барҷастатарин намунаҳои осори ин марҳила дастнависи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад, ки тасвироти он ба килки устоди машҳури миниётур – Муҳаммадмуроди Самарқандӣ тааллуқ дорад. Саҳнаҳои муҳориба дар тасвири ӯ хеле зинда, пур аз ҳаракат ва ниҳоят ҳаяҷонангез баромадаанд. Ӯ ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ ҳам рӯ овардааст. Аз ин ҷиҳат миниётурае, ки дар он шӯриши Коваи оҳангар тасвир ёфтааст, ҷолиби диққат мебошад.

Ин давра (солҳои 40–70-уми асри XVI) яке аз пурсамартарин давраҳои санъати миниётуранигорӣ буд. Гарчанде дар санъати рассомии пойтахт–шаҳри Бухоро андак таъсири мактаби Ҳирот ҳис карда шавад ҳам, рафти умумии инкишофи санъати миниётуранигорӣ далолат мекунад, ки он дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои ба худаш хоси ривоҷу равнақ буд. Яке аз намоёнтарин рассомони ин давраи ташаккули мактаби нави миниётуранигорӣ Маҳмуди Музаҳҳиб буд. Ин рассом дар асоси талаботи мактаби Ҳирот эҷод кунад ҳам, дар айни ҳол, дар осораш ҳамон тағйироту дигаргуние ба назар мерасад, ки худи вай ба ин санъат дохил карда буд ва ё таъсири анъанаҳои нави маҳаллӣ ба шумор мерафт.

Эҷодиёти Усто Абдулло ном рассоми забардаст ба инкишофи санъати рассомии Бухоро хеле таъсир расонд. Нақшу тарҳу суроби расмҳои ин рассом ниҳоят нафису зариф ва мавзуну муносиб буда, тобишҳои ранг бо маҳорати ҳайратангез кор фармуда шудаанд ва дар сохтани композитсия ҳам ин рассом ниҳоят забардаст будааст. Миниётураҳое, ки то ба рӯзҳои мо расидаанд, далолат мекунанд, ки Абдулло пайравони бешуморе дошту онҳо ба устоди худ тақлид мекарданд ва аз вай нусха мебардоштанд.

Эҷодиёти Муҳаммад Чеҳраи Маҳосин ва дигар мусаввирони забардаст низ дар ҳамин давра ҷараён ёфта, ба пояҳои баланди инкишофи худ расидааст.

Хусусияти ба назар намоёни асри XVI дар офариниши портрет иборат аз ин аст, ки миниётурсозон дигар аз тасвири шартии подшоҳ даст мекашанд: портретҳои офаридаи онҳо подшоҳонро идеализатсия намекунанд, дар онҳо кӯшиши на фақат дар ҳадди имкони миниётур ба таври воқеӣ нишон додани

[87] Galerkina O., 1976 с. 180-193.

қиёфаи шахс, балки ҳамчунин аён сохтани кайфияти рӯҳии он эҳсос мешавад. Зоҳиран, Ҷалолиддин Юсуф, ки ӯро Зайниддини Восифӣ борҳо ёд кардааст, дар офаридани портрет шуҳрати зиёде касб карда буд. Ӯ карикатураҳои хуб ҳам эҷод мекард.

Бояд таъкид намуд, ки ҳангоми мусаввар кардани осори назму насри классикӣ ҳатто дар ҳалли мавзӯъҳои «доими»-и ба сурати қолаб даромада ҳам, ҳунармандони забардаст ҳаргиз аз офаридаҳои пешиниён нусхабардорӣ намекарданд, балки дар ин маврид ҳам ба эҷоди худ рӯҳи тоза дохил менамуданд.

### Адабиёти бадеӣ ва таърихнигории тоҷик дар асри XVI

Чи навъе ки дар боло қайд карда шуд, адабиёт ва фан, ки дар замони ҳукмронии Улуғбек хеле пеш рафта буд, ба зудӣ пас аз марги ӯ дар натиҷаи таъсири иртиҷопарастонаи рӯҳониёни ислом ва дарвешон ба ҳаёти ҷамъиятӣ, рӯ ба таназзул ниҳод. Ин ақибравӣ, махсусан, дар аҳди султон Абӯсаид хеле тақвият пайдо намуд. Он вазъияти сиёсӣ, ки аз аввалҳои асри XVI дар ин мамлакат фароҳам омад, ба ҳаёти адабӣ ва фаннӣ зарбаи боз ҳам сахттаре расонид. Роли рӯҳониёни иртиҷоии ислом ниҳоятдараҷа пурқувват гардида, беш аз пеш ба тараққиёти афкори илмӣ монеъ мешуд. Дар натиҷаи ин Ҳирот аз аввалҳои асри XVI ҳамчун як маркази мадании халқҳои Осиёи Миёна аҳамияти худро аз даст дод. Намояндагони илму фан, адабиёт ва санъат ба ҳар тарафи мамлакат пароканда гардиданд.

Агарчанде дар нимаи дувуми асри XVI шаҳри Бухоро ҳамчун маркази маданӣ сар бардошта, сол аз сол шумораи мадрасаҳо зиёд гардид, лекин дар ин мадрасаҳо асосан илмҳои динӣ омӯхта мешуданд. Бо вуҷуди ин адабиёт ва илму фанни дунявӣ низ дар ин давра то як дараҷа ривоҷ ёфт. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ном муаллифи тазкираи назми Бухоро, ки дар нимаи дувуми асри XVI тартиб ёфтааст, 250 нафар ходимони илму адаби давраи ҳукмронии Убайдуллохон ва писари ӯро ном мебарад. Аксари ходимони зикркардаи Нисорӣ дар адабиёт ва санъат осори намоёне аз худ боқӣ нагузошта бошанд ҳам, ин рақам аз хеле равнақ ёфтани афкори адабиву илмии он замон шаҳодат медиҳад. Барои тараққиёти минбаъдаи илму фан ва адабиёт зҷодиёти фақат иддаи каме аз онон аҳамият пайдо кардааст. Аз байни адибони он давра, махсусан, фаъолияти Восифиро бояд хотирнишон намуд.

*Зайниддини Восифӣ* дар соли 1485 таваллуд ёфтааст. Ӯ то соли 1512 дар Ҳирот зиста, пас аз суқути салтанати Темуриён ба хидмати Шайбониён мегузарад ва то солҳои 30-юми асри XVI дар Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна умр ба сар мебарад. Восифӣ ба ғайр аз ашъор асари хеле ҷолиби таваҷҷуҳи саргузаштие бо унвони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дорад. Ӯ дар ёддоштҳои худ симои шаҳрҳои онзамонаро ба таври барҷаста тасвир намуда, русуми адабии Ҳиротро дар давраи Навоӣ ва ҳаёти шоирони дарбори аҳди Шайбониёнро нишон медиҳад. Восифӣ ҳамчун нависандаи зарофатписанд ва мушоҳидакор дар шакли нафиси ҳаҷв бисёр нуқсонҳои усули идораи давлати хониро ифшо менамояд.[88]

---

[88] Болдирев А. Н., 1957; Айнӣ С., 1956.

Шоир ва муаррихи номӣ *Камолиддини Биноӣ* (соли таваллуд 1453, соли қатл 1512) ҳамзамони Восифист.[89] Ӯ дар Ҳирот аз оилаи устои ҳунарманди бинокор ба дунё омада, дар овони ҷавонӣ чанд солро дар Шероз, пас дар Табрез – дар дарбори султон Яъқуб ба сар бурдааст. Соли 1491 ба зодгоҳаш шаҳри Ҳирот баргашта, аммо ба сабаби фитнаву дасисаҳои аҳли дарбор, ки аз бухлу ҳасад нисбат ба ӯ – шоири боистеъдоди аз табақаи «паст» баромада сар мезад, дере нагузашта дар соли 1495 ба Самарқанд ҳиҷрат намуд. Ӯ дар он ҷо шоҳиди ҷангу низоъҳои байни ворисони салтанатталаби Темуриён ва Шайбониён гардид. Баъди Самарқандро забт кардани Муҳаммад Шайбонихон ба хидмати дарбори ӯ дохил шуд ва ҳамроҳи лашкари шайбонӣ дар соли 1507 ба Ҳирот бозгашт намуд. Пас аз фавти Шайбонихон (с. 1510) ва Ҳиротро тасарруф кардани Сафавиён ӯ ба Қаршӣ рафт ва баъди ду сол дар он ҷо ҳангоми қатли оми мардуми бегуноҳ, ки лашкари сафавӣ ба роҳ андохта буд, кушта шуд.

Биноӣ шоири забардаст ва мутриби моҳире буд. Ба қалами ӯ чанд рисола ва намунаҳои насри бадеӣ низ тааллуқ доранд. Яке аз офаридаҳои барҷастаи ӯ маснавии «Беҳрӯзу Баҳром» аст, ки дар он фикрҳои тарбиявию ахлоқӣ ва ақидаҳои иҷтимоию ҷамъиятии шоир баён ёфтаанд. Муаллиф заъфу сустиҳои инсонро мавриди мазаммат қарор дода, нуқсонҳо ва носозгориҳои муҳити феодалӣ, ахлоқи вайрони аҳли ҷоҳу сарват ва рӯҳониёни мутаассибро ба зери тозиёна мегирад ва хулқу атвори писандидаи одамиро сутуда, зарурати касби илму донишро боисрор таъкид менамояд. Бо вуҷуди он ки шеъри ахлоқӣ дар назми форсу тоҷик собиқаи хеле ғанӣ дошт, Биноӣ дар маснавии худ бисёр фикру ғояҳои навро ифода карда, тавонист ба ин жанри анъанавӣ хусусиятҳои тоза бахшад.

Ғазалиёти Биноӣ асосан ба равияи ғазалсароии асри XV офарида шудаанд, вале дар ин маврид ҳам ӯ ба шеър лаҳзаҳои тарҷумаиҳолӣ ва унсурҳои танқиди ҳукмдоронро дохил намуда, дар пеши назар ҳамчун шоири навпардоз намоён мегардад.

Аз асарҳои таърихии Биноӣ, қабл, аз ҳама «Шайбонинома» ва нусхаи такмилёфтаи он «Футуҳоти хонӣ»-ро, ки дар байни солҳои 1504–1510 таълиф ёфтааст, бояд зикр кард. Ин асарҳо, ки асосан ба наср навишта шуда, фиқраҳои шеърӣ ҳам доранд, тасвири воқеаҳои зиндагӣ ва саргузашти Шайбонихонро дар бар мегиранд. Фарқи ин ду асар аз дигар асарҳои таърихии он замон ин аст, ки дар онҳо руҷӯъҳои пандуахлоқӣ мавҷуданд. Зоҳиран, чунин ба назар мерасад, ки муаллиф содадилона хостааст бо ин восита ба табақаи ҳукмрони замони худ таъсир намуда, то ҳадди имкон пеши зулму тааддӣ ва худсариҳои ононро бигирад.

Биноӣ намояндаи типии табақаи миёнаи шаҳриён буд ва аз ҳамин мавқеъ нуқсонҳои маҳофили ҳукмрони замонашро танқид мекард. Ӯ давомдиҳандаи боистеъдоди беҳтарин анъана ва суннатҳои адабиёти классикии форсу тоҷик дониста мешавад, ки дар асарҳояш вазъи таърихии Осиёи Миёнаи асри XV ва ибтидои асри XVI ба таври возеҳу равшан инъикос ёфтааст.

Як вақтҳо дар баъзе асарҳо аз рӯйи ишораи муаррихон роҷеъ ба кудурати гоҳ-гоҳ нисбат ба Навоӣ доштаи Биноӣ иштибоҳан чунин ақидае дучор

[89] Дар бораи ӯ ниг.: Мирзоев А., 1957.

меомад, ки гӯё Биноӣ муқобили тараққиёти адабиёт ва забони ӯзбекӣ бошад. Аммо, дар ҳақиқати ҳол, Биноӣ ба шеърҳои ӯзбекӣ ва тоҷикии Навоӣ баҳои баланд медод, пас аз фавти Навоӣ дар таълифоташ ӯро ба некӣ ёд мекард ва ҳатто худаш ҳам ба ӯзбекӣ шеър мегуфт. Дар он замон аслан «ягон ҳаракати зидди забони ӯзбекӣ» вуҷуд надошт. Ҳаёт ва эҷодиёти Биноӣ, баръакс, шоҳиди муносибатҳои хеле наздики дӯстона дар байни арбобони маданияти ду халқи бародар мебошад.

Дигар аз шоирони соҳибқареҳаи он давр *Бадриддини Ҳилолист*.[90] Ӯ низ монанди Биноӣ ба доираи мадании Ҳирот мансубият дорад. Ҳилолӣ тахминан соли 1470 дар Астаробод таваллуд ёфта, соли 1491 ба мақсади давом додани таҳсил ба Ҳирот меравад ва то охири умр дар он ҷо зиндагӣ ба сар мебарад. Соли 1529 ӯ дар натиҷаи ҳаҷвияи ба Убайдуллохон навиштааш ба шиагароӣ айбдор гардида, бо фармони ҳукмрони вақт ба қатл мерасад. Дар эҷодиёти Ҳилолӣ мавқеи асосиро ғазал ишғол менамояд. Ғазалиёти дилрабо ва шӯрангези ин шоири ширинкалом то имрӯз дар саросари Тоҷикистон вирди забони мардуманд. Забони фасеҳ, санъати нафис ва оҳанги дилнишин ба ғазалҳои ӯ ҳусни махсусе бахшидаанд. Ғайр аз девони ғазалиёт ба қалами вай боз се достон – «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сифот-ул-ошиқин» ва «Шоҳу дарвеш» тааллуқ дорад.

Эҷодиёти шоирони нимаи аввали асри XVI то ҳол ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст. Шубҳае нест, ки дар назми ин давра, назар ба асри XV, ҷиҳатҳои шаклпарастӣ, суханороиҳои каммазмун ва рангомезиҳои аз ҳад афзун қувват гирифта, таназзули маҳорат мушоҳида мешавад, ки ин ҳолат самараи таъсири шароити таърихист.

Дар нимаи дувуми асри XVI, пас аз он ки Абдуллохони II ҳокимияти мутамаркази худро ба вуҷуд овард, ҳаёти адабӣ дубора эҳё гардид. Дар ин давра аз доираи ҳунармандон як зумра шоирони барҷаста дар арсаи адабиёт зуҳур намуданд, ки аз байни онҳо, пеш аз ҳама, *Абдурраҳмони Мушфиқиро* (1538–1588) бояд ном бурд. Ба ривояте, Мушфиқӣ дар Бухоро аз хонаводаи ҳунарманде ба дунё омада, замоне дар Самарқанд низ иқомат кардааст. Вай дар шоирӣ шуҳрат ёфта, барои мақоми дуруст пайдо кардан дар дарбори султон Саид кӯшишҳо намуд, вале ба ин комёб нашуд. Сипас роҳи Деҳлиро пеш гирифта, ба хидмати дарбори шоҳ Акбар дохил гардид, ки ду қасидаи ӯ ба васфи ин ҳукмрони Ҳинд бахшида шудаанд. Мушфиқӣ соли 1567 ба Бухоро баргашта, ба дарбори Абдуллохон кашида шуд ва ба дараҷаи «маликушшуаро» расид.

Мушфиқӣ бо вуҷуди манзалати дар дарбор доштааш ва маҳорати баландаш дар қасидасароӣ (ӯро охирин шоири бузурги мадеҳасарои Осиёи Миёна мешуморанд) ҳамчун суханвари аз байни мардум баромада аз рӯйи завқу тамоюли худ, пеш аз ҳама, шоири лирик ва ҳаҷвгӯ буд, хусусан, ғазалҳои ошиқона ва рубоиёти хуби ӯ шуҳрати зиёде пайдо кардаанд. Аммо қасидаҳои дабдабанокаш қариб фаромӯш шудаанд. Дуруст аст, ки дар яке аз қасидаҳои худ ба огоҳ кардани подшоҳ аз аҳволи бади деҳқонон ҷуръат намудааст.

Девони ҳаҷвиёти Мушфиқӣ, ки дар онҳо одамони мухталиф, беш аз ҳама шоирон, мавриди истеҳзо қарор гирифтаанд, дар байни мардум хеле машҳур

---

[90] Дар бораи ӯ ниг.: Айнӣ К., 1957.

аст. Мушфиқӣ дар фолклори тоҷик тимсоли ширинкореро ба худ гирифта, қаҳрамони дилписанди латифаҳо гардидааст. Ин латифаҳо аввал дар байни ҳунармандон паҳн шуда, сипас тадриҷан шуҳрати умумӣ пайдо мекарданд. Мушфиқӣ дар ҳаҷвия ва латифаҳои халқӣ чун марди шаккок ва «халалдоркунандаи оромиҳо» тасвир мешавад.

Ин аст намунае аз шеъри ҳаҷвии ӯ, ки дар тақсими мерос навишта ва дар ин нобаробарҳуқуқии занон ифшо гардидааст:

Ҳамшира, харҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману тараддуди ғавғо аз они ту.
Анбори пур зи ғаллаи бобо аз они ман,
Он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту.
Танбӯри пур зи хотами бобо аз они ман,
В-он нағмаҳои тарна-таранно аз они ту.
В-он ҷои хоби мондаи бобо аз они ман,
Тасбеҳи пора-пораи бобо аз они ту.
Дастор, ҷома, фӯтаи бобо аз они ман,
Бетоқативу нолаи шабҳо аз они ту.
Кафгиру дегу дегчаи бобо аз они ман,
Дастгиру дегхонаи бобо аз они ту.
Ҳамёни пур зи тангаи бобо аз они ман,
Занги фулуси мондаи бобо аз они ту.
Ҷумла гилему қолини бобо аз они ман,
В-он нақшҳои мондаи бӯрё аз они ту.
Аз рӯи ҳавлӣ то ба лаби бом аз они ман,
Аз пушти бом то ба Сурайё аз они ту.[91]

Дар асри XVI таърихнигорӣ ҳам ба тараққиёти худ давом намуд. Чунин асарҳои барҷастаи таърихӣ, аз қабили «Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афрод-ил-башар»-и Хондамир, ки воқеаҳои таърихи умумӣ ва тарҷумаи ҳоли одамони машҳурро баён карда, шарҳи ҳодисаҳоро то охирин мубоизаи Шайбонихон ва шоҳ Исмоил (с. 1510) расонидааст; «Меҳмонномаи Бухоро»-и Фазлуллоҳи Рӯзбеҳон, «Абдуллонома»-и Ҳофизи Таниш ба вуҷуд омаданд, ки барои омӯхтани таърихи Осиёи Миёнаи асри XVI аз муҳимтарин сарчашмаҳо ҳисоб мешаванд. Ҳофизи Таниш шоири соҳибдевон ҳам буд, вале девони ӯ мутаассифона, то замони мо нарасидааст.

[91] Мушфиқӣ, 1958.

# БОБИ ДУВУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ ҶОНИЁН (АСРИ XVII – НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII)

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСӢ

### Низоъҳои байнихудии феодалон дар асри XVII

Хони Шайбониён – Абдуллохони II соли 1598 вафот кард ва ба ҷойи ӯ писараш – Абдулмӯъмин ба тахт нишаст. Лекин азбаски ӯ монанди падараш дар мамлакатдорӣ таҷрибаи кофӣ надошт, гурӯҳҳои хусуматпарвари аъён ва ашрофи феодалиро натавонист на ба тарафи худ кашад ва на дасти онҳоро кӯтоҳ намояд. Дере нагузашта, худи ҳамон сол, вай аз тарафи нукари зархариди як гурӯҳ феодалони зидди ҳукумати марказӣ кушта шуд. Охирин намояндаи сулолаи Шайбониён – Пирмуҳаммадхони II фақат ба як қисмати ночизи давлат соҳиб буд. Ӯ ҳам ба зудӣ дар ҷангу низоъҳои байнихудӣ ҳалок гардид.

Сафавиён, сулолаи давлати хонии Хева ва қазоққо аз задухӯрдҳои миёни Шайбониён фавран истифода намуданд. Подшоҳи сафавӣ – шоҳ Аббоси I қисмати зиёди Хуросон ва ҳатто Ҳиротро забт кард. Балхро аввал бародарзодаи Абдуллохони II – Абдуламин ишғол намуда, як муддат аз номи худ сикка баровард. Вале ба зудӣ ин шаҳр аз тарафи дастнишондаи шоҳ Аббоси Сафавӣ – Муҳаммад Иброҳим тасарруф карда шуд ва, ҳамин тариқа, ин маҳалли аслии Шайбониён замоне дар доираи таъсири давлати Сафавиён қарор гирифт. Қазоққо чанд шаҳр, аз ҷумла калонтарин мулки Шайбониён – Тошкандро ба даст даровარданд. Аз ин ҷо хони қазоққо – Таваккалхон ба қисматҳои марказии Мовароуннаҳр ҳаракат карда, ҳатто Самарқандро ҳам ишғол намуд. Фақат шикасти назди Бухоро, сахт маҷрӯҳ шудан ва оқибат ҳалок гардидани Таваккалхон футуҳоти қазоққоро боздошт[1]. Хоразм, ки Абдуллохони II бо сад машаққат ба зери итоати худ даровардa буд, дубора истиқлолият ёфт. Кӣ будани аввалин подшоҳи сулолаи нави Ҷониён он қадар

[1] Барои донистани тафсили ҳаводиси муборизаи салтанатхоҳони гуногун ниг.: Веляминов - Зернов В.В., 1864; Абдураҳимов М.А., 1966, с. 56–57. Вале бояд дар назар дошт, ки М.А. Абдураҳимов саҳван намояндаи охирини Шайбониён - Пирмуҳаммади Сониро бо амуи Абдуллохони II–Пирмуҳаммади Аввал (ваф. с. 1567) яке донистааст. Ҳол он ки Пирмуҳаммади Сонӣ амузодаи Абдуллохони II мебошад. Илова бар ин, муаллифи номбурда Муҳаммадюсуфи Мунширо, ки баёноти ӯ доир ба таърихи асри XVI хеле носаҳеҳ ва печида аст, ба таври мусбат ва ғайританқидӣ тавзеҳ менамояд.

маълум нест. Аъён ва ашрофи феодалӣ маснади хониро ба Ҷонимуҳаммадсултон (Ҷонибексултон) пешниҳод намуданд. Ӯ хоҳари Абдуллохони Шайбониро ба занӣ гирифта буд. Худаш аз авлоди ҳамон Чингизиёне буд, ки пас аз пароканда шудани давлати Олтинӯрда дар Аштархон ҳукумати хонӣ ташкил дода буданд.[2] Вақте ки Аштархон ба Россия ҳамроҳ карда шуд, Ҷонибек гурехта ба назди Шайбониён омад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, Ҷонибексултон пешниҳоди аъёну ашрофро рад карда, ба маснади салтанат писари калони худ – Динмуҳаммадро тавсия намуд. Аммо Динмуҳаммад, ки он вақт дар Абевард ҳукмронӣ мекард, ҳанӯз фурсати ба Бухоро омаданро наёфта, ба ҳуҷуми лашкари Эрон дучор гардид ва дар ҷанг кушта шуд. Бинобар ин ба ҷойи ӯ бародараш – Боқимуҳаммад (1599–1605) ба тахт нишаст. Ба ҳамин сабаб дар асарҳои илмӣ ҳамин Боқимуҳаммадхон, яқинан, аввалин подшоҳи сулолаи Ҷониён дониста шудааст.[3] Лекин мадракҳои сиккашиносӣ ҳақиқати ҳолро қадре дигар нишон медиҳанд, зеро ба дасти мутахассисони ин соҳа хеле бисёр сиккаҳои дар Бухоро, Самарқанд ва Тошканд зарбшудаи Ҷонибексултон расидаанд.[4] Аз ин чунин бармеояд, ки амалан ё исман подшоҳи аввал худи Ҷонимуҳаммад (Ҷонибек) будааст.

Ягона муваффақияти дар ҳаёти сиёсии мамлакат ба даст овардаи Ҷониёни аввал ин буд, ки онҳо ҳокимияти худро дар Балх низ дубора барқарор намуданд. Дигар ҳамаи кӯшишҳои онон дар бобати барҳам додани низоъҳои дохилӣ ва мубориза зидди бодиянишинҳо натиҷаи муҳимме набахшид.

Дар соли 1605 Боқимуҳаммадхон вафот карда, ба ҷойи ӯ бародараш – Валимуҳаммад (1605–1611) ҳукмрон гардид. Чун ӯ ба маишат дода шуда буд, аз уҳдаи идораи мамлакат баромада натавонист. Аъёну ашроф ба зудӣ аз вай рӯ гардониданд ва рӯзе ҳангоми дар дашти Қаршӣ машғули шикор буданаш тахти хониро ба писари Динмуҳаммадхон – Имомқулихон (1611–1642) муносиб диданд. Вақте ки Валимуҳаммадхон аз воқеа хабардор гардид, аз Мовароуннаҳр фирор карда, ба назди подшоҳи сафавӣ паноҳ бурд. Шоҳ Аббос ӯро хуш пазирой намуда, бо қувваи зиёде дубора ба Мовароуннаҳр равона намуд. Аммо дар муҳориба лашкари Эрон шикаст хӯрда, худи Валимуҳаммадхон асир афтод ва бо фатвои уламо кушта шуд.

Ба Имомқулихон муяссар гардид, ки ҳудуди давлати худро васеътар намояд: ӯ бар зидди қазоқҳо лашкар кашида, Тошкандро бо зӯр тасарруф намуд.[5] Ӯ бо бодиянишинони дигар – қарақалпоқҳо ва қалмоқҳо, ки торафт ба сарҳадди давлати Ҷониён наздик мешуданд, низ бомуваффақият мубориза бурд. Имомқулихон ҳамчунин тавонист, ки муваққатан бошад ҳам ҷангу низоъҳои байнихудии феодалонро боздорад. Муаррихони он замон аҳди ҳукмронии Имомқулихонро ҳамчун давраи гӯё пур аз рафоҳият ва осоиши мамлакат тавсиф кардаанд. Агарчи ин тавсифот муболиғаомез намояд ҳам, дар он асоси ҳақиқат вуҷуд дорад. Агар ҳукуматдории тӯлонии ӯ бо давраҳои

---

[2] Аз ин рӯ, дар осори илмӣ сулолаи Ҷониён аксар вақт Аштархониён ном гирифтааст.

[3] Абдураҳимов М. А., 1966, с. 64; История Узбекской ССР, т. 1, 1967, с.550 ва ғ.

[4] Давидович Е. А., 1964, с. 12-14, 243–244.

[5] Дар ҳақиқат, мубориза дар атрофи Тошканд давом мекард ва ҳокими он фақат исман ба Имомқулихон итоат менамуд. (Абдураҳимов М. А., 1966, с. 112–115).

пешина ва баъдина муқоиса шавад ба ин метавон боварӣ ҳосил кард. Сарчашмаҳо далолат мекунанд, ки дар замони Имомқулихон ҳатто баъзе корҳои обёрӣ анҷом дода шудааст.[6]

Аз ҳамон рӯзе, ки Имомқулихон аз мамлакатдорӣ даст кашида, бародари ӯ – Надирмуҳаммадхон (1642–1645) ба тахт нишаст, вазъият тағйир ёфт. Надирмуҳаммадхон аъён ва ашрофи феодалии қабилавиро ба худ ҷалб карда натавонист. Рӯз аз рӯз муносибати байни ӯ ва намояндагони бонуфузи табақаи ҳоким бадтар гардид. Ба ин сабаб ҳукмронии Надирмуҳаммадхон дер давом накард. Аъён ва ашрофи феодалӣ, ки аз сиёсати пешгирифтаи ӯ норозӣ буданд, ба муқобили вай суиқасд карда, ба тахти салтанат писараш – Абдулазизхонро (1645–1680) нишонданд. Надирмуҳаммад маҷбур шуд, ки бо мансаби ҳокими Балх қаноат кунад. Аммо дар ин ҷо ҳам мавқеи худро устувор карда натавонист. Дигар писарони Надирмуҳаммад, ки гоҳ тарафи падар ва гоҳ тарафи бародарро мегирифтанд, худашон низ ба талоши ҳокимият ва мулк ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай Балх, ки аз ободтарин вилоятҳои мамлакат ба шумор мерафт, ба хароби рӯ овард. Надирмуҳаммадхон чун дид, ки бо қувваи худ коре карда наметавонад, барои кумак ба ҳукмрони сулолаи Темуриёни Ҳинд – Шоҳиҷаҳон муроҷиат намуд. Шоҳиҷаҳон, ки мисли гузаштагонаш ҳамеша фикри ба даст даровардани сарзамини пурсарвати ҳамсояро дар сар мепарварид, ин фурсатро барои расидан ба қасду нияти деринаи худ ғанимат дониста, хоҳиши Надирмуҳаммадро дарҳол қабул кард ва бо сардории писаронаш – Аврангзеб ва Муродбахш аскари зиёдеро ба Балх фиристод. Надирмуҳаммад аз ҳақиқати масъала хабардор шуда, фавран фирор намуд. Истилогарон Балхро ишғол намуда, муддати ду сол тамоми сарвати ин вилоятро тороҷ карданд. Аҳолии маҳаллӣ аз ҷабру ситам ва қатлу ғорат ба танг омада, рӯ ба гурез ниҳоданд. Саросари Балх ва атрофи онро қаҳтӣ ва гуруснагӣ фаро гирифт. Ниҳоят Абдулазизхон бо тайёрии зиёд ба муқобили лашкари Ҳинд бархоста, дар натиҷаи муҳорибаҳои шадид ғалаба ба даст овард. Вале ҳоли мардум аз ин ҳама тороҷгарӣ ва ҷангу ҷидолҳои пурдавом ба ниҳояти табоҳӣ расида буд.

Дере нагузашта Балх боз ба дасти Надирмуҳаммад даромад, аммо ин дар вилояти харобгардида ягон оромӣ ва осоиш ба вуҷуд наёвард. Абдулазиз аввал бародараш Субҳонқулихонро ҳукмрони Балх таъйин карда, ба муқобили падараш фиристод, ки ӯ шаҳрро ба зудӣ ишғол намуд. Сипас қӯшуни навро бар зидди Субҳонқулихон равона сохт, то ки Балхро ба тасарруфи худ дароварад. Вале ин ба ӯ муяссар нагардид. Субҳонқулихон муқобилати сахт нишон дода, Балхро дар дасти худ нигаҳ дошт. Фақат ҳар он чӣ, ки дар атрофу акнофи он боқӣ монда буд, ҳама ба ғорат рафт ва хоку туроб гардид.

Ҳокимони Хева аз ҳамаи ин ҷангу ҷидолҳои дохилии сулолаи Ҷониён ба манфиати худ истифода намуданд, онҳо чандин дафъа ба ноҳияҳои марказии Мовароуннаҳр ҳуҷум оварда, ҳамаро ғорат карданд. Ҳатто то Бухоро расида, боре як қисмати шаҳрро гирифтанд. Фақат мардонагӣ ва далерии аҳолӣ имкон дод, ки шаҳр аз душман тоза карда шавад.

Субҳонқулихон чунин вазъиятро фурсати мусоид дарёфта, ҳокимиятро ба даст даровард. Дар аҳди салтанати Субҳонқулихон (1680–1702) вазъияти

[6] Абдураҳимов М. А., 1966, с. 267–268.

душвори мавҷуда на фақат аз байн нарафт, балки дар бисёр соҳаҳо бадтар гардид. Тохтутози хевагиҳо ҳамоно давом мекард. Онҳо ҳатто Самарқандро забт карданд ва аъёну ашрофи шаҳр хони Хеваро ба расмият шинохтанд, ки ба ивази ин Субҳонқулихон бо ғаромати зиёде аҳолии Самарқандро хонахароб намуд. Ниҳоят, Субҳонқулихон фаҳмид, ки то дар Хева қоиммақоми худро нанишонад, тохтутози хевагиҳо тамом нахоҳад шуд. Бинобар ин бо ҳар роҳ аъёну ашрофи маҳаллиро ба тарафи худ кашида, оқибат муваффақ гардид, ки Хева ҳукмронии ӯро эътироф намояд. Ин дар тамоми давраи ҳукмронии Субҳонқулихон ягона муваффақияти ба назар намоёни сиёсатмадории ӯ маҳсуб меёбад. Вай дар дигар ҳамаи корҳои боқимондаи мамлакатдорӣ ба чизе комёб шуда натавонист.

Низоъҳои байнихудии феодалӣ кайҳо аз доираи хонадони салтанатӣ берун баромада буданд. Ҳоло сарони тоифаҳои ӯзбек беш аз пеш қувват мегирифтанд. Худи Субҳонқулихон ҳам дар бисёр мавридҳо нуфузи баъзеи онҳоро баланд мебардошт. Чунончи, вақте ки писараш Сиддиқмуҳаммад худро дар Балх мустақил эълон карда, ба ин ваҷҳ бо амри падараш ба қатл расид, ӯ ҳукумати Балхро, ки дер боз мулки ворисони салтанат ҳисоб мешуд, ба яке яз мирони қабилаи юз супорид.

Дар замони Субҳонқулихон мавқеъ ва эътибори Маҳмудбии атолиқ[7] аз қабилаи қатаған фавқулода баланд гардид. Субҳонқулихон дар муборизаи зидди хевагиҳо борҳо ба кумаки вай рӯ оварда ва фурӯ нишондани исёни амирони Балхро низ ба ҳамин атолиқ супорида, сипас ӯро ҳокими Балх ва Бадахшон таъйин карда буд.[8]

Он вақтҳо Бадахшон амалан мулки мустақил буд ва дар он ҷо асосгузори сулолаи амирони бадахшӣ – Ёрбек ҳукмронӣ мекард. Аз соли 1650 сар карда муносибати байни Бадахшон ва Бухоро бад шудан гирифт. Хонҳои Бухоро хусусан, пас аз ишғол намудани водии Қундуз ба тохтутози худ ба сарзамини Бадахшон вусъат доданд. Бадахшониҳо Ёрбекро мири худ бардошта, бо сардории ӯ ба истилокорон муқовимати сахт нишон медоданд. Сабаби асосии ба Бадахшон лашкар кашидани Маҳмудбии атолиқ бухориёнро ба маҳсули кони лаъли он ҷо роҳ надодани Ёрбек буд.[9]

Ин лашкаркашии Маҳмудбии атолиқ, ки барои комилан мутеъ кардани тамоми хоки Бадахшон равона гардида буд, он қадар муваффақиятнок набаромад. Аскарони ӯ маркази Бадахшон – шаҳри Файзобод (Ҷузгун)-ро чанд гоҳ муҳосира намуда, вале фатҳ карда натавонистанд. Ниҳоят Маҳмудбӣ маҷбур шуд, ки дар асоси шартҳои зерин бо Ёрбек муоҳида баста, ақиб нишинад: Ёрбек мебоист маҳсули дусолаи кони лаъли Бадахшонро ба хон супорида, фармонбардории ҳукумати хони Бухороро қабул менамуд. Лекин дар ҳақиқат ӯ як ҳокими мутлақи он ҷо буд ва тамоман мустақилона кор мебурд.

Ҳокими Балх – Маҳмудбии атолиқ истиқлолияти номаҳдуде ба даст оварда, ҳатто Субҳонқулихонро ҳам қариб писанд намекардагӣ шуд.

---

[7] Атолиқ - аз ҷиҳати мансаб понздаҳумин ва олитарин рутбаи давлати хонии Бухоро буд, ки пас аз хон мақоми аввалро ишғол карда, вазифаи нахуствазирро адо менамуд.
[8] Муҳаммадюсуфи Муншӣ, 1956, с. 153.
[9] Ҳамон асар, 1956, с.158-159.

Субҳонқулихон аз қувваи фавқулода пайдо кардани Маҳмудбӣ дар хавф афтода, бо тадбире ӯро аз Балх ронд ва набераи худ – Муҳаммадмуқимсултонро ҳокими Балх таъйин намуд.

Субҳонқулихон муқобилати феодалони маҳаллиро бартараф карда натавонист. Ҷангҳои муттасиле, ки ӯ мебурд, боиси холӣ шудани хазинаи давлат ва қувват гирифтани зулму истисмори оммаи меҳнаткаш мегардиданд. Барои ҷангҳои дохилии зидди феодалони саркаш сармояи зиёде лозим буд ва аз ин рӯ Субҳонқулихон пешакӣ аз аҳолӣ ситонидани андози ҳафтсоларо талаб кард. Дар вазъияти онвақтаи мамлакат ҷорӣ шудани ин усули андоз барои аҳолӣ ниҳоятдараҷа вазнин буд. Ришвахӯрӣ ва суиистифодаҳое, ки амалдорони ҳукумати хонӣ дар вақти ҷамъоварии андоз мекарданд, халқи меҳнатиро боз ҳам бештар бенаво мекард.

## Афзудани парокандагии феодалӣ.
## Сиёсати дохилии Убайдуллохон

Дар давраи ҳукмронии кӯтоҳмуддати Убайдуллохон (1702–1711) муборизаи байни ҳукумати марказӣ ва феодалон хеле шиддат ёфт. Убайдуллохон охирин кас аз хонадони салтанатии Ҷониён буд, ки дар роҳи маҳдуд намудани худсариҳои феодалон ва пурқувват кардани ҳокимияти марказӣ саъю кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Аммо шахсияти Убайдуллохон ва сиёсати дохилии ӯ ноҳаққона солҳои дароз аз доираи диққати муҳаққиқон берун монда буд. Дар бораи ӯ ҳатто чунин тавсифоте аз қабили зайл ба асарҳои тадқиқотӣ роҳ ёфта, маъмул гардида буданд, ки бо онҳо розӣ шудан душвор аст: Убайдуллохон «барои ҳокимияти мутлақа саъй менамуд, вале азбаски як марди мутакаббир ва худписанде буда бо мардум дуруст муомила карда наметавонист, дар амал бозичаи дасти амирон гардид»[10]. Ин қабил таассурот аз он сар задааст, ки манбаъҳои хаттии он замон комилан ба тасвири муфассали низоъҳои байнихудии хонадонҳои салтанатӣ бахшида шуда, дар онҳо роҷеъ ба дигар ҳодисаҳои даврон фақат сатрҳои ҷудогона ва далелу ишораҳои ғайримустақим дучор меоянд.

Мадракҳое, ки сиёсати дохилии Убайдуллохонро бештар баён менамоянд, дар «Убайдуллонома»-и Мирмуҳаммадамини Бухорӣ мавҷуданд.[11] Муқоисаи ин мадракҳо бо бозёфтҳои сиккашиносӣ нишон дод, ки ҷидду ҷаҳди Убайдуллохон дар роҳи марказонидани давлат аз маромноктарин амалиёт дар тамоми даври салтанати сулолаи Ҷониён ба шумор меравад, ин тамоюл ба фаҳмиши хеле возеҳу равшани хусусиятҳои тартиби нируҳои табақотӣ асос ёфта, на ҳамеша пайгирона бошад ҳам, бо азм ва қатъияти тамом зуҳур мекард. Агар вай муваффақият пайдо накарда бошад, пас сабаби асосӣ ин аст, ки дар он вақт барои марказонидани давлат ҳанӯз шароит ва заминаи мувофиқ фароҳам наомада буд.

---

[10] «История народов Узбекистана», т. 2, 1947, с. 90.

[11] Ин мадракҳо аз тарафи муаррихон таҳлил ва таҳқиқ шудаанд, ҳарчанд ки на ҳамеша фаҳмиш ва арзишдиҳии онҳо яксон аст. Ниг.: Чехович О.Д., 1954, с. 68–69; 1959, с. 208 ва давомаш; Давидович Е.А., 1964, с.148–156; Абдураҳимов М.Л., 1966, с.136 ва давомаш.

Ба Убайдуллохон аз Субҳонқулихон вазъияти сахте ба мерос монд. Амирон – сардорони тоифаҳои ӯзбек худро тамоман соҳибихтиёр ҳис мекарданд. Маъмулан, онҳо ҳокими ҳамон шаҳру ноҳияе буданд, ки таъмини маишати тоифаашонро дар зимма дошт. Онҳо дар қаламрави худ замин харида, ба заминдори калон табдил меёфтанд ва ҳамчун хоҷагони соҳибихтиёр амал менамуданд. Аксари амирон ба ҳамқабилаҳои худ такя карда, ҳокимияти марказиро тамоман ба эътибор намегирифтанд. Онҳо байни худ хусумат мепарвариданд, гурӯҳҳо ташкил медоданд, баъзан ошкоро ҳокимияти хони Бухороро эътироф намекарданд. Убайдуллохонро на сармоя буд ва на қӯшуни кофӣ, ки ба сари худ зидди ҷудоихоҳии ин феодалон мубориза барад. Ба ин сабаб ӯ маҷбур буд, ки дар мубориза ба муқобили як амир аз пуштибонии амири дигар истифода намояд. Аммо, воқеан, дар чунин мавридҳо ба вай на ҳамеша амалӣ намудани ниятҳои худ муяссар мегардид. Аксар вақт амире, ки ба ӯ такя мекард, бо ҳар баҳона аз ҷангидан сар мекашид ва ба ҳамин сабаб чанд дафъа қувваи ҳарбии Убайдуллохон ба шикаст дучор шуда буд. Гоҳо чунин ҳодиса ҳам рӯй медод, ки дар вақти юриш қисме аз амирон бо қӯшуни худ пас мегаштанд ва ё ҳатто ба тарафи душман мегузаштанд. Вазъияти Убайдуллохон бисёр мураккаб буд ва ҳар гоҳ ба вай лозим меомад, ки барои ҳалли мушкилот тадбирҳои гуногун андешад. Ӯ кӯшиш мекард, ки байни амирон мухолифат пайдо шавад ва онҳо бо ҳам ҷангида, якдигарро заиф гардонанд. Ва ӯ дар ин кор аз худ маҳорати баланде нишон медод. Вале ин ягона ва асоситарин равияи ҳаракати ӯ набуд. Мадракҳои ҷудогонаи ба ҳам овардашуда нишон медиҳанд, ки Убайдуллохон як системаи томи тадбиротеро пешбинӣ карда будааст, ки аз як тараф, ба мустаҳкам сохтани пояҳои иқтисодии давлати ӯ ва, аз тарафи дигар, ба роҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ заиф гардонидани амирон нигаронида шудаанд.

Синфи феодалон яксон набуд. Дар ин вақт ду гурӯҳи асосӣ: гурӯҳи амирон ва, умуман, феодалони болонишини тоифаҳои ӯзбек ва гурӯҳи ашрофи қадимӣ, маъмурон, феодалони заминдор, табақаи фавқонии тоҷирону косибон арзи вуҷуд мекард. Ҷангҳои байнихудии амирон на фақат оммаи халқро хонабардӯш месохтанд, балки ба манфиатҳои ҳамин гурӯҳи дувуми синфи феодалон низ зарар мерасониданд. Аз ин сабаб намояндагони ин гурӯҳ тарафдори қувват гирифтани ҳокимияти марказӣ буданд. Феодалони рӯҳонӣ ҳам ба ҳамин ваҷҳ аксар вақт ҳукумати марказиро пуштибонӣ мекарданд. Аммо гурӯҳи дувуми феодалон, ки Убайдуллохон ба онҳо такя менамуд, яклухт ва муттаҳид набуд. Намояндагони ҷудогонаи ин гурӯҳ хусусан дар ҳамон ноҳияҳое, ки амирон иқтидори бештар доштанд, гоҳо, баръакс, амиронро ҳимоя мекарданд. Мардуми заҳматкаши шаҳру деҳот, ки аз ҷангу низоъҳои муттасили байнихудии феодалон ба ҳоли табоҳ афтода буданд, ба тарафдории ҳокимияти марказӣ ва зидди амирони исёнкор сар мебардоштанд.

Убайдуллохон, агарчи на ҳамеша амали собитқадамона дошт, ин авзоъро хуб ба ҳисоб мегирифт. Ӯ беш аз ҳама ба ҳамон гурӯҳи синфи феодалон, ки ба мустаҳкам гардидани ҳокимияти марказӣ ва барҳам хӯрдани ҷангу низоъҳои байнихудӣ манфиатдор буданд, такя мекард. Муҳимтарин ҷузъи сиёсати дохилии Убайдуллохон кӯшиши аз ҳисоби сипосгузорони худ ба вуҷуд овардани як дастгоҳи нави маъмурӣ буд. Муаррихи вақт Мирмуҳаммадамини

Бухорӣ ошкоро шаҳодат медиҳад, ки Убайдуллохон ба умури идора фарзандони косибон ва тоҷирон, одамони «пастнасаб» ва «бекас»-ро ҷалб менамуд.[12]

Албатта, лавҳаи зерин як ҳодисаи тасодуфӣ нест: вақте ки қӯшуни Бухоро ба наздикии Балх расид, Убайдуллохон фармони махсус баровард, ки кишт-зори мардумро поймол накунанд ва ба аҳолӣ ягон зараре нарасонанд. Ӯ дар яке аз деҳот қароргоҳи худро сохта, арзиши киштҳои аз тарафи аскаронаш поймолшударо пардохт. Аз ин ошкоро ҳувайдост, ки Убайдуллохон барои ба тарафи худ кашидани аҳолии одӣ саъю кӯшиш менамуд. Чунонки хотирнишон гардид, дар асрҳои XVII–XVIII оммаи халқҳои Осиёи Миёна хеле фаъол шуданд ва онҳоро дар муборизаи зидди амирони саркаш ба худ муттафиқ гардонидани хон барояш манфиати зиёде меовард.

Тадбироти Убайдуллохон чӣ навъ сурат мегирифт? Муносибати ӯ бо амирон душманона ва муборизаҳояш бо онҳо рӯирост ва ошкоро буд. Инро сарчашмаи номбурда низ тасдиқ мекунад. Ӯ ба ҳамон амироне, ки такя мекард, пулу мол ва замин ҳадя менамуд, вале аслан баробари ба сари ҳокимият омаданаш ба амирон аз ҷиҳати иқтисодӣ фишор расонид ва дар ин роҳ аз камтарин чизҳо низ ҳазар накард. Масалан, бисёр аҷиб аст, ки вай ба душманони сиёсии худ ба арзиши даҳчанд фурӯхтани «ҳадя»-ро ҷорӣ намуд. Сарчашма шаҳодат медиҳад, ки «ба ӯзбекони бечора тоби нафаскашӣ ҳам намонд».[13] Вале кори аз ин ҳам ҷиддитаре, ки ӯ анҷом дод, аз байн бурдани як қисми заминҳои танхоҳ буд. Вай амалан номумкин будани бе ҳеҷ асос кашида гирифтани заминҳои танхоҳро дарк карда, як тадбири маккоронае ба кор бурд. Ӯ ин заминҳоро ба моликияти комили муқаррабон ва маъмуронаш дод (яъне, албатта, фурӯхт). Дар амалӣ намудани ин сиёсати худ вай аз ҳамон гурӯҳи синфи феодалон, ки манфиатдори мустаҳкам шудани ҳокимияти ӯ ва афзудани нуфузи худ буд, пуштибонӣ медид. Ин тарзи мусодираи танхоҳ ҳамчунин зиддияти байни ду гурӯҳи синфи феодалонро тундутез мекард.

Убайдуллохон боз як манбаи афзоиши даромади хазинаи давлатро дар барҳам додани масунияти хироҷи заминҳои мулк дид. Ин тадбири хеле ҷасурона ва шояд хатарноке ҳам буд, зеро аз байн бурдани масуният ба манфиатҳои ҳамон гурӯҳи ӯро тарафдорикунандаи синфи феодалон зарарҳои ҷиддӣ ворид мекард. Аз эҳтимол дур нест, ки Убайдуллохон ин тадбирро нисбат ба ин гурӯҳ интихобан татбиқ менамуд. Аз ҷумла маълум аст, ки ӯ масунияти хироҷи бузургтарин феодалони рӯҳонии Осиёи Миёна – шайхони Ҷӯйбориро бекор карда буд.

Убайдуллохон дар бобати инкишофи тиҷорати байналхалқӣ низ чораҳое дид. Дуруст аст, киривоҷи тиҷорати беруна ба манфиати савдогарони маҳаллӣ набуд. Пеш савдогарони Бухоро молҳои хориҷиро якбора мехариданд ва пулашро баъдтар, пас аз фурӯхта шудани мол мепардохтанд. Ин муомила барои тоҷирони хориҷӣ бисёр ноқулай буд. Илова бар ин, мувофиқи шариат, моли фурӯхтаро дар давоми се сол баргардондан имкон дошт. Дар аҳди Убайдуллохон ҳукумат дар ин масъалаҳо ба нафъи тоҷирони хориҷӣ кор кард,

[12] Мирмуҳаммадамини Бухорӣ, 1957, с. 220, 223.
[13] Ҳамон асар, с. 227.

зеро мебоист ин тадбир вуруди молҳои хориҷиро афзунтар созад ва ба ин васила даромади хазина низ зиёдтар шавад.

Убайдуллохон ба ислоҳоти пул умеди калон баста буд.[14] Мирмуҳаммадамини Бухорӣ ба сабаби вуқуфи комил надоштан аз ҳақиқати ҳол навиштааст, ки сабаби гузаронидани ислоҳоти пул тамоман холӣ шудани хазинаи давлат буд. Хонҳои сулолаи Ҷониён дар зарфи асри XVII сикказаниро ҳамчун манбаи даромад дониста, муттасил пул мебароварданд. Онҳо иёри пулро гоҳ паст ва гоҳ баланд намуда, дар охирҳои асри XVII зарби сиккаҳоро ба дараҷае расониданд, ки дар тангаҳо ҳамагӣ 22,5% нуқра монда буду халос. Убайдуллохон бошад, пулҳое баровард, ки иёрашон хеле баланд буд, яъне тангаҳо 35% нуқра доштанд. Ӯ дар давоми ҳафт сол, дар чӣ вазъияте ки бошад, ба тағйири пул ҳамчун манбаи даромад роҳ надод. Инро бо ду сабаб тавзеҳ додан мумкин аст: аз як тараф, ӯ сиккаҳоро вайрон накард, чунки ин бар зарари ҳамон гурӯҳи синфи феодалон мебуд, ки ба онҳо такя мекард; аз тарафи дигар, чунонки маънии ислоҳоти соли 1708 собит менамояд, ӯ ин манбаи даромадро, бидуни ба қисматҳо ҷудо ва пароканда кардан, «эҳтиёт менамуд», то ки дар як фурсати муносиб якбора даромади калонеро ба даст оварад.

Соли 1708 пулҳои дар хазина буда дубора сикка зада шуданд: аз ҳар тангаи кӯҳна чор тангаи нав ба вуҷуд оварда шуд, ки ҳар кадоми он 9% нуқра дошт. Пас аз ин эълон карда шуд, ки минбаъд иқтидори хариди пулҳои нав (9% нуқра) ва пулҳои куҳна (35% нуқра) баробар хоҳад буд. Агар таври дигар гӯем, Убайдуллохон хост дороии хазинаро якбора чор мартаба афзояд. Чунин ҳодиса ҳеҷ вақт рӯй надода буд. Одатан иёри нуқраро 5–10% поин мефуроварданд. Убайдуллохон ба чунин тадбири ғайримуқаррарӣ ҷуръат намуда, зоҳиран, гумон дошт, ки барои самаранок мубориза бурдан бар зидди амирон воситаҳои кофиро ба даст меорад ва аз ин рӯ ҷони худро ба хатар андохта, қадам ба ин роҳ гузошт. Ӯ бояд мефаҳмид, ки воқеан ҳам ҷони худро ба хатар меандозад, зеро тавассути ин ислоҳот, бигзор муваққатан ва бо ниятҳои нек бошад ҳам, на фақат душманонашро, балки муттафиқонаш: халқ, табақаи фавқонии феодалону тоҷирон, ҳамаи онҳоеро, ки дар даст пул доштанду аз ислоҳот манфиатдор буданд, ғорат мекард.

Дар Бухоро кори савдо қатъ гардид. Тоҷирон ва косибони шаҳр дӯкону корхонаҳояшонро бастанд. Ин воқеа вазъияти камбағалон ва гурӯҳҳои меҳнатии аҳолиро бисёр танг кард. Дар бозор чизе ёфт намешуд. Ин аҳвол норозигии умумро ба вуҷуд овард. Тӯдаҳои мардуми шаҳр, аксаран одамони бенаво шӯриш бардошта, ба таҳдид ва фарёд ба арк ҳуҷум карданд ва ба ҳолати аввала овардани вазъияти шаҳрро талаб намуданд. Шӯриши халқ охир фурӯ нишонда шуд, чанд кас ба қатл расид. Вале ин шикасти тамом набуд. Убайдуллохон ба созиш маҷбур гардид ва маънии ислоҳотро тағйир дод. Акнун пули куҳна на ба як, балки ба ду пули нав баробар карда шуд (ва ин қоида солҳои дароз, ҳатто баъд аз сари Убайдуллохон ҳам боқӣ монд). Ба ин тариқа, дороии хазинаи Убайдуллохон на чор мартаба, балки фақат ду маротиба афзуд. Ислоҳот он даромадеро, ки интизор мерафт, оварда натавонист, вале ҳамаи онҳоеро, ки пештар Убайдуллохонро тарафдорӣ

[14] Давидович Е. А., 1964, с. 135–147.

мекарданд, ба душмани ӯ мубаддал сохт. Ин буд, ки дар сиёсати дохилӣ имкони анҷом додани ягон кори мусбати ба назар намоёне фароҳам наомад.

Дар ин вақт мубориза, нобоварӣ ба якдигар, хусумат ва адоват парваридан ба ҳам хеле авҷ гирифт. Душманӣ то дараҷае расид, ки ҳангоми яке аз суиқасдҳо дар соли 1711 Убайдуллохон кушта ва дарбори хонӣ тороҷ карда шуд.

Пас аз ҳалокати Убайдуллохон бародараш Абулфайзхон (1711– 1747) ба тахт нишаст. Дар замони ҳукмронии ин охирин намояндаи асосии сулолаи Ҷониён ҳукумати марказӣ иқтидори худро тамоман аз даст дода, давлати хонӣ ба қисмҳои мустақили ҷудогона тақсим мегардад. Корҳои мамлакатдорӣ тақрибан ба куллӣ ба ихтиёри Муҳаммадҳакимбии атолиқ мегузарад, ки ӯро саркардагони тоифаи манғит пуштибонӣ мекарданд.

Баъдҳо дар натиҷаи норизоятии аъёну ашроф Муҳаммадҳакимбӣ аз мансабҳои баланди дарбор дур карда, ба Қаршӣ фиристода мешавад. Сафири давлати Рус Флорио Беневени аз харҷумарҷе, ки он вақт дар дарбори Абулфайзхон ҳукмфармо буд, сухан меронад. Умури идораи давлат ба дасти амалдорони ҳарис ва ҷоҳталаб мегузарад. Онҳо барои савдо дар бозорҳои Бухоро ҳуқуқи номаҳдудеро соҳиб шуда, мувофиқи табъи худ мардумро ғорат менамуданд.

Ин ҳама задухӯрдҳои байнихудии хонҳо ва бедодгариҳои беамсоли феодалон аз ҳаёти пурмашаққати халқҳои Осиёи Миёна дар аҳди ҳукмронии Ҷониён шаҳодат медиҳанд.[15]

## 2. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Вазъи хоҷагӣ. Даромади замин. Андозҳои шаҳр

Чунонки аз гуфтаҳои боло маълум гардид, ҳукумати марказӣ, дарвоқеъ, иқтидори ҷиддие надошт. Ҷониёнро ҳатто расман ду пойтахт буд – Бухоро ва Балх. Дар Бухоро худи хон нишаста, дар Балх валиаҳдаш ва ё атолиқ ҳукмронӣ мекард. Маъмулан, хонҳои ин сулола тамоман ба аъёну ашрофи феодалии қабила, ки амалан зимоми ҳукмронии мамлакат дар дасти онҳо буд, вобастагӣ доштанд. Дар ин давра ҳуқуқи атолиқҳо ва қудрату ихтиёри ашрофи тоифавии ӯзбек назар ба давраи Шайбониён бағоят афзуд. Умури идора комилан ба дасти онҳо гузашт, мансабҳои муҳимро дар дастгоҳи давлат онҳо ишғол намуданд.[16]

Қувват гирифтани иртиҷои феодалӣ, парокандагии сиёсӣ, ҷангҳои пайдарпайи дохилӣ, холӣ мондани шаҳрҳо, аз молиёти ниҳоят зиёд ва боҷу хироҷи доимӣ хонавайрон шудани аҳолии муқимӣ, аз тохтутозҳои ҳокимони гуногун хароб гардидани воҳаҳо ва ба ғорат рафтани корвонҳои тиҷоратӣ – ин ҳама хусусияти хоси ин давраи мавриди таҳқиқи мост. Ба ҳамин сабаб аст, ки

[15] Расман сулолаи Ҷониён мавҷудияти худро то соли 1785 давом дод, вале охирин намояндаи ин хонадон Абулғозӣ ҳамчун хон ягон эътиборе пайдо карда натавонист.

[16] Дар бораи сохти идороти давлати Ҷониён ниг.: Бартолд В. В., 1964 и, с. 388 ва давомаш; Семёнов А. А., 1948 а, с. 137 ва давомаш.

дар асри XVIII дар сарзамини Осиёи Миёна, алалхусус дар вилоятҳои маркази он таназзули амиқи иқтисодӣ рӯй дод. Хоҷагии қишлоқ ақиб рафт. Шабакаи обёрӣ кам шуд.[17] Нон намерасид. Яке аз шоҳидони ин вазъият, сафири подшоҳ Алексей Михайлович Борис Пазухин навиштааст: «Дар Бухоро, дар Балх ва дар Хева ғалларо бисёр намекоранд, аз ин рӯ то охири сол ғаллаи онҳо кам мемонад ва он ҳам дар баъзе хонаводаҳо»[18]. Тамоми як ноҳия ва вилоятро фаро гирифтани гуруснагӣ ҳодисаи муқаррарӣ гардида буд.

Меъёри расмии даромади солиёнаи феодал аз замин мисли пештара (0,3 ҳиссаи ҳосил) боқӣ монда бошад ҳам, дар амал хеле зиёдтар аз он ситонида мешуд. Феодал метавонист ин оидотро чанд сол пештар бигирад ва ё худсарона ҳаҷмашро зиёдтар кунад. Масалан, дар замони Субҳонқулихон онро ҳафт карат зиёд ситонида буданд. Ба замми ин, боз анвои мухталифи боҷу хироҷҳои дигар вуҷуд дошт ва суиистифодаҳои амалдорон аз ҳад гузашта буд. Малеҳо дар хусуси пешакӣ аз аҳолӣ гирифта шудани андози ҳафтсола сухан ронда менависад: «...агар шахсеро як танга додан лозим буд, ҳафт танга мегирифтанд. Ҳафтодчанд ба қалами девониён ва арбоб хароҷот мебаромад».[19] Бояд қайд кард, ки андози даромад (молу ҷиҳот, хироҷ) на фақат аз заминҳои давлатӣ зиёд мешуд, балки мувофиқан ҳиссаи давлат аз даромади солиёнаи заминҳои милк, ки ин навъи хироҷро милкона мегуфтанд, низ меафзуд. Бар тибқи шаҳодати яке аз сарчашмаҳо, аз заминҳои милк милкона гӯён чандон меситонданд, ки соҳибонаш ин заминро муфт диҳанд ҳам, касе намегирифт. Зоҳиран, дар ин ҷо сухан на он қадар аз феодалони милкдор, балки аз он гурӯҳи деҳқононе меравад, ки замини милк дар онҳо ҳанӯз боқӣ монда буд. Протсесси камшавии милкҳои ин гурӯҳи нисбатан имтиёзноки деҳқонон дар асри XVI ҳам ба назар мерасид, вале дар замони Ҷониён, алалхусус, дар вилоятҳои маркази Осиёи Миёна ин қабил соҳибони милк тамоман хонахароб гардиданд.

Дар натиҷаи зулму истисмори бераҳмона ва хироҷу молиётситониҳои аз ҳад афзун деҳқонон чунон ҳам ба фақирӣ ва нотавонӣ афтоданд, ки дар ибтидои асри XVIII ҳукумат дигар ба зиёд кардани андоз ва ё ҷорӣ кардани ягон андози нав ҷуръат накард. Дар «Убайдуллонома» ошкоро гуфта мешавад, ки ин роҳи даромади хазина бурида шуд, зеро хавфи ҷунбиши калоне таҳдид менамуд.[20]

Деҳқонон, умуман, аз ҳар тараф ба ҳамлаву фишор дучор мешуданд. Хоҷагии онҳоро на фақат ғоратгариҳои ҳангоми ҷангҳои дохилӣ рӯйдода, на фақат андозҳои миёншикан хароб мекарданд. Ҳамчунин як протсесси амиқи иҷтимоӣ – барҳам додани бақияҳои обшина, кам кардани гурӯҳи деҳқонони дар замини ҷамоат коркунанда ва зиёд намудани гурӯҳи деҳқонони иҷоранишин ба амал меомад. Чунонки дар боло хотирнишон гардид, замини ҷамоатро лоақал чунин як афзалияте буд, ки деҳқонро дар ҳар 2–3 сол иҷора гирифтани замини нав лозим намеомад. Ӯ ҳақ дошт дар замини ҷамоа тамоми умр кор кунад (ва кори худро ба авлодаш боқӣ гузорад).

---

[17] Абдураҳимов М. А., 1966, с. 260.
[18] Пазухин Б., 1894, с. 61.
[19] Мирзоев А. М., 1954, с. 17.
[20] Мирмуҳаммадамини Бухорӣ, 1957, с. 157.

Косибон ҳам аз тарафи феодалони калону хурд ҳар навъ зулму ҷавр медиданд. Ба касбу тиҷорат худсарона ҳар гуна боҷ ва аворизоти зиёде андохта мешуд ва, ғайр аз ин, барои хону амир фиристодани пешкашҳои гаронбаҳо ҳатмӣ буд. Дар натиҷаи бедодгариҳои феодалон ва набудани ҳеҷ як замонат барои моликияти хусусии косибон ва тоҷирон ба ҳар тараф парешон гардидани аҳолии ҳатто марказҳои шаҳрии қадим ба амал меомад.

Ҳукмронони давлати хонӣ аз тарси ин, ки берун овардани сарватҳои зеризаминӣ боиси ҳуҷуми ҳамсояҳои ҳарис хоҳад шуд, кандани конҳоро манъ карданд ва ба ин сабаб саноати истихроҷи маъдан дар ин давра аз тараққиёт бозмонд.

## Ба дасти феодалон ҷамъ шудани моликияти замин

Дар айни замон ба дасти феодалони калони ҷудогона ва шайхони бонуфуз ҷамъ шудани мулк ва сарватҳои замин ба вуқӯъ меомад. Алалхусус, амирони тоифаҳои ӯзбек дар аҳди салтанати Ҷониён ба заминдорони хеле давлатманд табдил ёфтанд. Инак, чанд мисол. Чунонки аз санадҳои расмӣ маълум мегардад, Ялангтушбӣ хусусан дар вилояти Самарқанд, ки чандин сол (дар нимаи аввали асри XVIII) дар он ҷо ҳукмронӣ кардааст, масоҳати беҳадду канори заминҳои киштро ба даст дароварда буд. Хонҳои сулолаи Ҷониён, ба замми ин, заминҳои ӯро аз пардохти ҳиссаи давлатии даромади солиёна «озод» карданд. Аз амирони ӯзбек Оллоҳбердибӣ ва писараш Оллоҳёрбӣ ҳам заминҳои ниҳоят зиёде доштанд. Онҳо саъй мекарданд, ки заминҳои дар ҳар ҷо парокандаи худро ба як ҷо ҷамъ оваранд, ба ин мақсад ҳатто заминҳояшонро иваз менамуданд.[21] Бузургтарин моликони замин ҳамоно шайхони ҷӯйборӣ буданд. Дар шароити мураккаби замон, ки ҳукумати марказӣ дигар аз онҳо пуштибонӣ карда наметавонист, чунонки дар давраи Шайбониён буд ва аъёну ашрофи қабила ба дороии онҳо чашм медӯхтанд, шайхи ҷӯйборӣ Тоҷиддин ба ин нигоҳ накарда ба ҳар ҳол заминҳои бе ин ҳам беҳадду ҳисоби худро боз ҳам меафзуд.[22]

Аъёну ашрофи феодалӣ ва саркардаҳои ҳарбӣ мисли пештара ба номи суюрғол ва танхоҳ подош мегирифтанд. Пазухин қайд мекунад, ки «тамоми деҳаҳо барои мавоҷиби аскарон ва ҳар гуна мансабдорон тахсис ёфтааст».[23] Ғайр аз ин, дар аҳди ҳукмронии Ҷониён хеле зиёд ва ба ҳаҷми калон на фақат заминҳон давлатӣ, балки ҳиссаи давлат аз даромади солиёнаи заминҳои милк низ ба тариқи хизматона бахшида мешуд. Ин дар байни шахсони гуногуне, ки аз даромади замин ҳиссаҳои гуногун доштанд, чунон муносибатҳои мураккаб ба вуҷуд овард, ки дар асрҳои XVII–XVIII, чи навъе ки муҳаққиқон дуруст қайд кардаанд, ҳатто истилоҳоти санадҳои расмӣ тағйир ёфт. Дар васиқа, вақфнома ва дигар санадҳо ҳангоми тавсифи заминҳои милк акнун диққати асосӣ ба дуруст муайян кардани ҳиссаи даромаде, ки харидор ва ё идораи вақф бояд мегирифт, дода мешуд[24].

---

[21] Чехович О. Д.,1954, б, с. IX-XII.
[22] Иванов П. П. 1954, с. 68–80.
[23] Пазухин Б., 1894, с. 61.
[24] ИТН, П, 2, с. 37.

Лекин ба дасти феодалони калон ҷамъ шудани замин на фақат аз ҳисоби подошҳо, балки бо роҳи хариди замин низ сурат мегирифт, ки ин ҷиҳати хоси ин давра ба шумор меравад. Баъзе феодалҳо заминҳояшонро ба дараҷае муттаҳид мекарданд, ки дар ниҳояти кор молики заминҳои як ноҳияи тамом мегардиданд. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки бештар заминҳои давлатӣ ба фурӯш мерасиданд. Ба ин санадҳои расмӣ ҳам гувоҳӣ медиҳанд.[25] Холӣ шудани хазина хонҳои Бухороро зуд-зуд ба фурӯхтани замин водор мекард ва илова бар ин, як қисми заминҳо ба тариқи подош тақдим карда мешуд. Ҳамаи ин амалҳо, мисли асри XVI, дар қозихонаҳо ба расмият медаромаданд.

Акнун дар байни давлат ва шахсони ҷудогона тақсим шудани заминҳои милк (яъне қисман ба заминҳои давлатӣ ва қисман ба милкҳои холис мубаддал гардидани онҳо) хеле босуръат ба вуқӯъ мепайваст. Ин, албатта, фаҳмост. Аз тарафи давлат беш аз пеш афзудани истисмор вазъияти феодали милкдорро хеле номусоид мекард. Бинобар ин ӯ доштани миқдори камтари замин – милки холисро, ки худ ихтиёрдори комил бошад, авлотар медонист. Дар чунин ҳолат даромади ӯ ба он, ки давлат аз деҳқон чӣ қадр меситонад ва оё ӯ аз хоҷагии харобшуда ҳиссаи худро рӯёнида метавонад ё не, ҳеҷ алоқае пайдо намекард.

Пас, ба дасти феодалони калон, хусусан аъёну ашрофи тоифаҳои ӯзбек ҷамъ шудани заминҳои хусусӣ ва инъомӣ, аз ҳад гузаштани истисмори деҳқонон, ба таври оммавӣ муфлис гардидани деҳқонони милкдор, торафт кам шудани деҳқонони замини ҷамоат, афзудани замини милки холис, босуръат «парокандашавии» милкҳои феодалӣ, ба феодалон фурӯхтани заминҳои давлатӣ, ба амлоки шартӣ тақсим карда додани заминҳои давлатӣ ва милкӣ (аслан ҳиссаи давлат аз даромади замини милк), инъом кардани заминҳои давлатӣ ва аз хусусиятҳои махсуси асрҳои XVII– XVIII ба шумор меравcomponent. Дар натиҷа, барои хазинаи хон доимо пул намерасид, зеро манбаи асосии даромад, ки андози мадохили замин буд, торафт кам шуда, ниҳоят бо сабабҳои боло қариб аз байн рафт. Дар ин хусус сарчашмаҳои гуногун гоҳ бавосита ва гоҳ бевосита шаҳодат медиҳанд. Мо дар ин ҷо фақат бо овардани гуфтаҳои ду нафар шоҳид, ки дар вақтҳои гуногун ба Бухоро сафар карда, вазъиятро бо чашми худ дидаанд, иктифо мекунем. Б. Пазухин (1669): «Андӯхтаҳои пулии давлати онҳо дар хазинаи подшоҳӣ кам аст, зеро ҳамаи деҳкадаҳо ба тариқи инъом дар байни саркардаҳо ва мансабдорони гуногун тақсим шудаанд, барои заруроти шоҳон аз зарби сикка ва боҷу хироҷ пуле дар хазина фароҳам меояд; боз бо ин ҳама зарурот то охири сол чизе боқӣ намемонад». Ф. Беневени: «Аз чеҳраи хон пайдост, ки дар умури идораи мулк мароми олие дар ӯст, аммо чун хазина холист, ӯро иқтидоре нест... Он чӣ оидоти хазина хоҳад буд, низ аз байн рафтааст».[26]

Ин аст асоси иқтисодии торафт заиф гардидани ҳукумати марказӣ ва беш аз пеш қувват гирифтани феодалони калони соҳибихтиёр, алалхусус амирон – сардорони қабилаҳои ӯзбек.

Мавқеи феодалони рӯҳонӣ ҳам баланд гардид. Чунончи, дар вақтҳои гуногун шайхони тариқати дарвешӣ дар Фарғона ва Тошканд ҳокимиятро ба дасти худ гирифта буданд.

---

[25] Чехович 0. Д., 1954 б, с. XV-XVIII.

[26] Пазухин Б., 1894, с. 61; Беневени Ф., 1853, с. 373.

## Ҷунбишҳои халқӣ

Зулму ситами тоқатшикан ва истисмори бераҳмонаи феодалӣ, ҷангҳои дохилӣ ва фақру гуруснагӣ норозигии оммаи халқро ниҳоятдараҷа зиёд кард. Ин буд, ки дар маҳалҳои гуногун дам ба дам шӯру ошӯбҳои халқӣ сар мезаданд.[27] Дар замони Абдулазизхон, ба қавли шоири ҳамзамони ӯ Сайидои Насафӣ, шӯриши калоне дар деҳаи Даҳбеди Самарқанд рӯй дод. Шиддат ва вусъати ин ҷунбиши халқӣ ба дараҷае буд, ки худи Абдулазиз бо лашкари зиёде омада, шӯришро фурӯ нишонд ва Даҳбедро оташ дода, ба хок яксон намуд. Дар давраи ҳукмронии Субҳонқулихон ва ворисони ӯ ҳам муттасил шӯришҳои халқӣ ба амал меомаданд. Гоҳо аз ин ҷунбишҳои халқӣ феодалони ҷудогона барои расидан ба мақсадҳои шахсии худ истифода менамуданд. Масалан, боре ҳангоми ба Балх ҳуҷум кардани Субҳонқулихон тамоми аҳолӣ дар зарфи 21 рӯз қаҳрамонона ҷангида, шаҳрро, ки ҳокими он Маҳмудбии аталиқ буд, аз бухориҳо ҳифз намуд.[28] Дар ин маврид ҳамаи табақаҳои ҷамъият муттаҳид гардида буданд, зеро ба хубӣ мефаҳмиданд, ки агар хон шаҳрро ишғол намояд, ба таври ваҳшиёна мардумро қатлу ғорат хоҳад кард. Аммо халқ аксар вақт ҳукумати марказиро тарафдорӣ менамуд, чунки ҷангу низоъҳои дохилии феодалӣ аҳолии ҳам шаҳр ва ҳам деҳотро хонахароб месохт.

Қиёми калонтарин ва зафармандонаи халқ соли 1703 дар Ҳисор ба вуқӯъ омад. Сабабгори он ҷанги байни ду феодал гардид: Муҳаммадраҳимбӣ бо лашкари Бухоро ба муқобили Ӯткан ном ҳокими яке аз қалъаҳои вилояти Ҳисор ҷанг сар кард. Вале лашкари Бухоро муваффақияте ба даст наоварда, ақиб нишаст ва мардуми Ҳисор дучори бедодгариҳои Ӯткан гардид. Аз низоъҳои хунини байни феодалон ба танг омада, аҳолии Ҳисор ба амирони Бухоро бо эътироз муроҷиат намуданд ва ҳимояти худро талаб карданд. Амирон бо вакилони халқ дағалона муносибат карда, ҳатто яке аз амирон ба сари онҳо шамшер кашид, вакилон ҳам даст ба сангу калтак бурданд. Воқеанигоре ин ҳодисаро чунин ба қалам овардааст:

«Умарои Бухоро (башитоб) аз қалъаи Ҳисор берун омаданд, сипоҳиёнашон ҳам дар ҳоле, ки (аз қиёми мардум) ба ваҳшат ва биму ҳарос афтода буданд, ба ишон пайравӣ карданд. Он гоҳ аҳолии Ҳисор, юзҳои қавми шодӣ, худро ба тороҷи хиргоҳу шомиёнаҳои бухороиёни шитобон фироркунанда дарандохтанд ва андаруни қалъа чунон талотӯбе барпо гардид, ки гӯё рӯзи ҳашр фаро расида»[29]. Дар ин маврид манфиатҳои аҳолии муқимии вилояти Ҳисор ва тоифаи юзи ӯзбек ба ҳам мувофиқат намуд: халқ барои барҳам хӯрдани ҷангҳои феодалӣ дар сарзаминаш сар бардошт, юзҳо ҳаракати муваффақиятомези халқро тарафдорӣ карда, кори торумор намудани бухороиёнро ба анҷом расониданд.

Шӯрише, ки соли 1714 дар Бухоро ба амал омада буд, бо марому хусусиятҳои худ аз дигар ҷунбишҳои халқӣ тафовут дошт. Як гурӯҳ феодалони

---

[27] Чехович 0. Д., 1954, с. 63–71; Абдурахимов М. А., 1956, с. 64–72; Чехович О. Д., 1959 а, с. 221–223; Давидович Е. А., 1964; с. 135–145; ИТН, П, 2, с. 44–47; «История Узбекской ССР», т. 1, 1967, с. 579–580.

[28] Муҳаммадюсуфи Муншӣ, 1956, с. 162.

[29] Мирмуҳаммадамини Бухорой, 1957, с. 68.

қабилаи кенагас бо сардории Иброҳим аталиқ ба мақсади иҷро кардани табаддулоти дарборӣ хост ба арк дохил шавад. Халқ ба ҳимояи ҳукумат бархоста, дар шаҳр сангарҳо барпо намуд. Ҳамин тариқа, фақат тавассути кумаки мардум ба хон муяссар гардид, ки душманонашро нобуд созад.[30]

Аммо, қабл аз ин, соли 1708 дар вақти эълони ислоҳоти пул халқи Бухоро, баръакс, бар зидди Убайдуллохон шӯриш бардошт. Норозигӣ табақаҳои гуногуни ҷамъиятро фаро гирифта, аввал ба шакли муқобилати ғайрифаъол зуҳур намуд: дӯкону корхонаҳо баста шуданд: кори савдо қатъ гардид, дар бозор чизе ёфт намешуд. Баъдҳо норизоятии мардум авҷ гирифта, ба як шӯриши ошкорои мардуми фақиру бенаво фурӯ рехт. Ба қавли, яке аз муаррихони онвақта – Мирмуҳаммадамини Бухорӣ шӯриш бераҳмона пахш карда шуд, чанд касро ба дор кашиданд, ислоҳот комилан ҷорӣ гардид ва ҳама сари итоат фуруд оварданд.[31] Чанд вақт таърихшиносон ин баҳои ғаразноки шӯришро ғайританқидӣ қабул карда буданд. Таҳқиқ ва муқобилаи манбаъҳои санадии он давр нишон дод, ки ин ҷунбиши халқӣ муваффақияти калоне пайдо карда будааст, ҳукумат аз он хеле ба ҳарос афтода, маҷбур шудааст, ки маънии ислоҳотро тағйир диҳад.[32]

Дар нимаи аввали асри XVIII ҷунбишҳои халқӣ чунон бисёр сар мезаданд, ки ҳатто муаррихони дарбор, бигзор ғаразолуд ва рӯпӯшида бошад ҳам, аз зикри онҳо гурез надоштанд. Ғайр аз шӯришҳои номбурда, боз дар солҳои 1713–1714 дар Бухоро, соли 1713 дар Самарқанд, соли 1719 дар Балх, соли 1746 дар Тошканд шӯру ошӯбҳои халқӣ ба вуқӯъ омаданд. Ҳарчанд муаррихони дарбор воқеияти ҷунбишҳои халқиро таҳриф кунанд ҳам, шубҳае боқӣ намемонад, ки дар шароити иртиҷо ва истибдоди феодалӣ оммаи халқҳои тоҷик ва ӯзбек ба мубориза зидди сохти беҳуқуқиву ситамкорӣ, зидди ҷангҳои дохилии феодалӣ бармехостанд.

## Касбу ҳунар, тиҷорат, муомилоти пулӣ

Дар давлати Ҷониён шароит барои тараққиёти касбу ҳунар ва тиҷорати дохилию хориҷӣ хеле номусоид буд ва ба қадри авҷ гирифтани низоъҳои салтанатталабӣ ва ҷангҳои феодалӣ боз ҳам бадтар мешуд. Баъзе шаҳру вилоятҳои тамом чунон дучори тороҷ ва харобӣ мегардиданд, ки пас аз ин муддати дурударозе ба худ омада наметавонистанд. Вале мардум малакаи касбӣ, пешаварӣ ва ҳунари худро фаромӯш намекард: бе сабаб нест, ки дар як худи Бухоро Сайидои Насафӣ беш аз дусад навъи касбу ҳунарро ном бурдааст. Харобии иқтисодие, ки ҷангҳои дохилӣ, тохтутози хевагиҳо, ҳуҷуми тоифаҳои бодиянишин ва қӯшунҳои аҷнабӣ ба сари мамлакат меоварданд, ба инкишофи муътадили истеҳсолоти молӣ ва тиҷорат халал мерасонид. Қашшоқӣ, гуруснагӣ, хонавайроншавӣ – ҳамаи ин боиси кам шудани харидорони муқаррарии колоҳои одӣ мегардид. Сайидои Насафӣ, ки дар айёми пирӣ ба

[30] Абдурраҳмони Толеъ, 1959, с. 60-63.
[31] Мирмуҳаммадамини Бухорӣ, 1957, с. 159.
[32] Давидович Е. А., 1964, с. 140 ва давомаш.

бофандагӣ машғул будааст, дар ашъори худ ба набудани харидор, тамоман аз равнақ бозмондани бозор дар охирҳои асри XVII ишорат мекунад.[33]

> Дар таҳи гарди касодӣ шуд матоам поймол,
> Рӯзгоре шуд хиҷолат аз дукон бошад маро,

Ё худ:

> Гоҳе матои худ, ки ба бозор мебарам,
> Домону остини харидор мекашам.

Вазъият дар нимаи аввали асри XVIII боз ҳам бадтар гардид. Дар натиҷаи тохтутозҳои муттасили ҳафтсолаи қазоққо (1723– 1730) водии Зарафшон тамоман ба харобазор табдил ёфт. Қаҳтӣ ва гуруснагии сахт сар шуд, касони аз чанги ин фалокат раҳоёфта ба ҳар тараф фирор карданд, Бухоро ва Самарқанд беодам монд.[34] Аҳволи фақат он шаҳру вилоятҳое, ки аксаран дар гӯшаву канорҳои мамлакат воқеъ гардида, ба арсаи ҷангҳои доимии феодалӣ, тохтутозҳои хевагиҳо ва ҳамлаи бодиянишинон мубаддал нашуда буданд, нисбатан беҳтар буд. Ба харобӣ рӯ ниҳодани ноҳияҳои марказии давлат ба тараққиёти онҳо ҳатто таъсири мусоид ҳам расонид, зеро косибону ҳунармандон барои эмин мондан аз хавфу хатар ва пайдо намудани имкони кори осоишта марказҳои бузурги касбу ҳунар ва тиҷоратро тарк карда, ба ин гӯшаҳои дурдаст паноҳ мебурданд.

Вазъи умумии пулдорӣ ва сиёсати ҳукумат дар соҳаи пулбарорӣ ва гардиши пул низ барои касбу ҳунар ва тиҷорат номусоид гардид.[35] Ба болои душвориҳои аз ҳилаву найранги қурб ба миён омада, ки ҳанӯз дар асри XVI чун бори гароне бар дӯши касбу ҳунар ва тиҷорат афтода буд, акнун босуръат вайроншавии сиккаҳои нуқра зам шуд. Пулро аз омезаи нуқраву мис зарб мезаданд, лекин миқдори мис торафт меафзуд. Ҳар бор, ки иёри пул паст мефуромад, хазина фоида мебурду аҳолӣ зарар медид. Аз ин рӯ, аҳолӣ ба муқобили шикастани қурби пул фаъолона мубориза мебурд ва дар ин маврид манфиатҳои қариб тамоми табақаҳои ҷамъият ба ҳам мувофиқат менамуд. Аҳолӣ «пули асил»–пули маҳкаму устувор ва ҳамеша якхелаву баландиёрро мехост. Ин мубориза дар асри XVII гоҳо натиҷаи матлуб медод: аҳолӣ муваффақ мешуд, ки ҳукуматро ба баландтар кардани иёри пул водор намояд. Аммо дар чоряки охири асри XVII зарби пули баландиёр тамоман қатъ гардид. Аҳолӣ агарчи мисли пештара барои «пули асил» муборизаи худро давом медод, вале барори он хеле кам ва ночиз буд: миқдори нуқра дигар аз 35% баланд набаромад. Баъдтар, соли 1708, чунонки дар боло оварда шуд, Убайдуллохон миқдори нуқраро дар сиккаҳои худ ба 9% фуроварда, боиси сар задани шӯриши халқ гардид, ки он қисман муваффақиятомез анҷом ёфт.

Вале ҳукумат аз кори пулбарорӣ на фақат бо чунин роҳи бевосита фоида ба даст медаровард. Найрангҳое, ки дар бобати тағйири қурби пул карда мешуд,

---

[33] Мирзоев А. М., 1954, с. 77–78.
[34] Чехович 0. Д., 1954, с. 72–73.
[35] Давидович Е. А., 1964, с. 100–134.

чун бори боз ҳам гаронтар ба дӯши аҳолӣ меафтод. Дар аҳди Ҷониён ҳам, мисли асри XVI, ҳамаи пулҳои нуқраро ба «пули нав» ва «пули куҳна» ҷудо мекарданд. Ҳукумат ҳар вақт ки хоҳад, «пули нав»-ро «куҳна» эълон менамуд, лекин иқтидори хариди пули «куҳна» дар бозор комилан ба иёри он вобаста буд. Чунончи, пулҳое, ки 60% нуқра доштанд, вақти нав будани худ ҳамчун пули баландиёр бо нархи иҷборӣ гардиш мекарданд. Ҳамин ки ин пулҳоро «куҳна» эълон карданд, фавран 40% иқтидори хариди он аз даст мерафт, яъне аҳолӣ дарҳол 40% зарар медид. Агар таври дигар гӯем, дар давоми асри XVII меъёри истифодаи зарби пул фавқулода афзоиш ёфт ва ин ҳол вазъияти косибону тоҷиронро назар ба он чи, ки Ҷенкинсон дар миёнаҳои асри XVI навишта буд, хеле вазнинтар намуд.

Аз ин ҳама ба таври равшан бармеояд, ки косибон дар ин давра ҳоло тамоми хусусиятҳои пешаву ҳунари худро ҳифз карда буданд, вале шароити онвақта ба пешрафти касбу тиҷорат имкон намедод. Ин буд, ки ҳаҷми онҳо хусусан аз охирҳои асри XVII сар карда сахт коҳиш ёфт ва ин ба анвои молҳо низ бетаъсир намонд. Албатта, он навъи касбу ҳунар, ки маҳсулоти он ба хориҷ содир мешуд, як дараҷа вазъи беҳтаре дошт: талаботи беруна дар чунин шароити сахт низ ба пешрафти истеҳсолот мусоидат мекард. Аз ин ҷиҳат муносибатҳои тиҷоратии торафт мустаҳкамшаванда ва вусъатёбанда бо Россия аҳамияти махсусе дошт.

Давлати Рус аз инкишофи тиҷорат бо Осиёи Миёна хеле манфиатдор буд ва барои он шароити мусоид фароҳам месохт. Ба савдогарони осиёимиёнагӣ тадриҷан иҷозат дода шуд, ки дар тамоми шаҳрҳои ин мамлакати паҳновар тиҷорат кунанд. Хусусан, пеш бурдани корҳои савдо ба воситаи Сибир имтиёзҳои зиёде дошт – дар ин ҷо аз тоҷирони Осиёи Миёна хеле кам боҷ мегирифтанд ва ҳатто аз баъзе молҳо аслан боҷ ситонда намешуд. Баъди ба вуҷуд омадани истеҳкоми Оренбург дар соли 1735 ба мақсади ҷалб кардани тоҷирони Осиёи Миёна чанд муддат дар ин ҷо савдои бегумрук эълон карда шуд.

Савдогарони Осиёи Миёна ба тарафи Россия бештар матоъ ва мансуҷоти пахтагӣ мебурданд. Аз дафтарҳои гумрукии тиҷоратхонаҳои Сибир ва Аштархон метавон дид, ки ба он мамлакат чӣ андоза молҳои зиёде содир мегардидааст. Дар рӯйхати муфассали ин дафтарҳо анвои мухталифи газворҳои истеҳсоли Осиёи Миёна, аз қабили матои «зандонӣ» (себандӣ, дубандӣ, пурбенӣ, бурматӣ), матоъҳои гулдор, хомсуф ва амсоли инҳо зикр ёфтаанд.

Як қатор мадракҳо дар ин вақт ба сабаби нарасидани абрешими хом (ҳатто ба хориҷ баровардани он манъ гардида буд) ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати навъ коҳиш ёфтани истеҳсоли шоҳивориро нишон медиҳанд. Бад шудани шароити зиндагӣ теъдоди касонеро, ки ба парвариши кирми абрешим шуғл доштанд, ҳамчунин талабгорони матоъҳои шоҳӣ ва шоҳвориҳои гаронбаҳоро беш аз пеш кам менамуд.

Чарм, баъзе навъҳои мӯйина, қолин ва ғ. аз молҳои асосии содиротӣ ба шумор мерафтанд. Анвои молҳои ба истилоҳ тиҷорати хонӣ, яъне он молҳое, ки сафирони тоҷир мебурданд, хеле зиёд ва гуногун буд. Азбаски талаботи давлати Рус нисбат ба молҳои Осиёи Миёна ҳамоно меафзуд, ҳаҷми ин молҳои

содиротӣ ҳам бештар гардида, табиатан ба истеҳсолоти онҳо шароити мусоидтаре фароҳам меомад.

Истеҳсоли аслиҳаҷот ва, умуман, маснуоти филизӣ ниҳоят дараҷа равнақ ёфт. Онҳо низ ба кишварҳои хориҷӣ содир мегардиданд. Баъзе намунаҳои олоти сафолии онвақта то замони мо расидаанд ва чунин ба назар мерасад, ки ғайр аз зарфҳои одӣ ва муқаррарӣ, зарфҳои нафиси луобии мунаққаш низ истеҳсол мешудаанд. Дар асри XVII касбу ҳунари амалӣ низ аз равнақ намонда буд, махсусан хотамкорӣ, қошинкорӣ ва кандакориҳои рӯйи гаҷ ва чӯб ба дараҷаи баланди тараққӣ расид. Аммо дар асри XVIII талабот нисбат ба осори ҳунари амалӣ тақрибан қатъ гардид.

Дар соҳаи тиҷорати хориҷӣ мавқеи муҳимро муомилоти савдо бо давлати Рус ишғол менамуд.[36] Чунонки хотирнишон гардид, ба ин мамлакат молҳои хеле зиёд ва гуногуннавъи Осиёи Миёна бурда мешуд. Дар ин ҷо бояд илова кард, ки тоҷирони Осиёи Миёна роли миёнаравиро ҳам бозӣ мекарданд: онҳо ба Россия на фақат молҳои худро, балки бисёр молҳои хориҷӣ, хусусан ҳиндиро низ мебурданд. Ин албатта, дар навбати худ боиси ба Осиёи Миёна бештар ворид гардидани молҳои ҳиндӣ мегардид, ҳарчанд ки бо сабабҳои дар боло овардашуда талаботи аҳолӣ ба молҳои воридотӣ хеле кам шуда буд.

Ҳодисаи нав дар таърихи тиҷорати байни Россияву Осиёи Миёна на фақат афзудани ҳаҷми содироту воридот, балки дар ин кор фаъолона ширкат намудани савдогарони рус ҳам буд. Савдогарони рус ва ё дӯкондорони онҳо акнун дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна 2–3 сол иқомат намуда, молҳои худиро меоварданд ва молҳои инҷоиро мебурданд. Аз молҳои русӣ дар Осиёи Миёна на фақат ба ашёи таҷаммулӣ (мӯина, чарм, моҳут ва дигар чизҳои қиматбаҳо) балки ба асбобҳои гуногуни рӯзгор, аз қабили зарфҳо, чарчинворӣ ва ғ. низ талабот зиёд буд.

Дар ин давра Осиёи Миёна ҳамчунин бо Ҳиндустон, Эрон, Хитой робитаҳои тиҷоратӣ дошт, вале ҳаҷм ва миқёси ин муомилот ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст. Дар ин бобат чунин амри воқеӣ диққатро ба худ ҷалб менамояд, ки дар Бухорои онвақта гузари махсуси савдогарони ҳиндӣ мавҷуд будааст. Убайдуллохон барои давлат зиёда манфиат доштани инкишофи тиҷорати хориҷиро ба хубӣ дарк намуда, дар роҳи беҳтар гардидани он чораҳо меандешид. Аммо ин як ҳодисаи кӯтоҳмуддате буд, ки бо қувват гирифтани харобии хоҷагии мамлакат ба зудӣ аз байн рафт. Флорио Беневени, ки соли 1722 дар Бухоро зиста, масъалаҳои тиҷоратро махсус омӯхта баромадааст, хотирнишон месозад, ки агарчи молҳои ҳам барои Бухоро ва ҳам барои Россия зарурӣ мавҷуданд, аммо шароит барои инкишофи тиҷорат вуҷуд надорад.[37]

[36] Ричков П. И., 1949; Чулошников А., 1932; Зиёев Ҳ. З., 1962; Юлдошев М. Ю., 1964; Ҷамолов Қ., 1966.
[37] Беневени Ф., 153, с. 376, 380–381.

## 3. МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ МЕЪМОРӢ ВА САНЪАТ

Хусусиятҳои ҳаёти хоҷагӣ ва иҷтимоию иқтисодии асрҳои XVII–XVIII ба соҳаи меъморӣ низ нақши маълуме гузошт. Нуфуз, ҳокимият ва сарвати табақаҳои фавқонии тоифаҳои ӯзбек, алалхусус амирон торафт афзунтар мегардид. Шаҳрҳо ва вилоятҳои тамом гоҳе амалан дар ихтиёри онҳо қарор мегирифтанд. Пули барои сохтмон лозим дар дасти ҳамин амирони қабилавии ӯзбек буд ва онҳо бо василаи анъанавӣ мехостанд шуҳрат ёбанд ва номи худро ҷовидонӣ гардонанд.

Яке аз ҳамин қабил аҳли кибор Ялангтушбӣ дар Регистони Самарқанд сохтмони бузургеро вусъат дод ва ҳамон маҷмӯи имороти муҷаллалеро, ки то имрӯз боқист, ба вуҷуд овард. Дар рӯбарӯи мадрасаи Улуғбек (дар он ҷое, ки пештар хонақои Улуғбек мавҷуд буд) бо амри ӯ меъмори номӣ Абдулҷаббор мадрасаи нав бино кард. Дар пештоқи даромадгоҳи ин мадраса сурати даррандаи ба ғизол ҳамлакунанда тасвир ёфтааст ва аз ҳамин сабаб онро мадрасаи Шердор номидаанд. Рӯйи мадрасаи Шердор айнан нусхаи рӯйи мадрасаи Улуғбек аст: дар марказ – сардар, дар гӯшаҳо – манораҳои рост, аз байни дарвоза ва манораҳо гунбазҳои теғадор ба назар менамоянд, ки дар болои ду дарсхона сохта шудаанд. Лекин дар ҷузъиёти тарҳи бино ва ороишоти он навиҳои зиёде мушоҳида мешавад.

Баъдтар Ялангтушбӣ аз тарафи севуми майдон боз як иморати дигар андохт. Чун дар ороишоти ин бино тиллои бисёре истифода шудааст, онро Тиллокорӣ номидаанд. Ин биноест, ки мадрасаву масҷид дар як ҷо сохта шудаанд: дар се тарафи ҳавлӣ ҳуҷраҳо ва дар тарафи чорум масҷид воқеъ гардидааст (иморати марказии гунбазнок ва ду айвони серқубба низ дар ҳамин қисмат ҷо гирифтааст).

Ҳамин тариқа, майдоне ба вуҷуд омадааст, ки як тарафаш кушоду се тарафаш бо се бинои муҳташами хушнамо зинат ёфтааст.

Дигар аз ёдгориҳои меъмории асри XVII маҷмӯи иморатест, ки дар Бухоро воқеъ гардидааст. Яке аз, қисматҳои муҳимми ин ансамбли меъморӣ ҳавзи калон мебошад ва аз ин рӯ вай бо номи Лабиҳавз машҳур аст. Аввалин иморати ин маҷмӯъ–мадрасаи Кӯкалтош ҳанӯз дар асри XVI сохта шуда буд. Дар асри XVII яке амалдорони олимақоми он замон Надир-девонбегӣ фармуд, ки ҳавз, мадраса ва хонақоҳчае созанд. Ин ансамбли меъморӣ он қадар мутаносиб ва мутавозин нест, чунонки дар маҷмӯи имороти Регистони Самарқанд метавон дид. Вай ҳамчунин ба худ шакли том нагирифтааст. Намуди он чунин аст: намои пурҳашами мадрасаи асри XVI рӯ ба майдон буда, дар як тарафи ин майдон мадрасаи на он қадар калони Надир-девонбегӣ ва дар тарафи дигари он Лабиҳавз ва дар паси Лабиҳавз хонақои хурд воқеанд. Мадраса ва ҳавз бо ин хонақо мувозана надоштанд ва ҳамчунин бо мадрасаи асри XVI мувофиқат намекарданд. Ин ансамбли меъморӣ аз таносуб ва тавозуни қисматбандӣ маҳрум буда, меъмор дар бунёди он на завқе ва на табъе аз худ зоҳир накардааст. Бинокориҳои асри XVII низ ба сари худ ягон ҷиҳати қобили таваҷҷуҳе надоранд.

Дигар ансамбли меъмории дар асри XVII биноёфтаи Бухоро бисёр муҳим ва ҷолиб мебошад. Ин ду мадрасаест, ки муқобили якдигар воқеъ гардидаанд: яке мадрасаи Улуғбек, ки дар асри XV сохта шудааст ва дигаре мадрасаи Абдулазизхон, ки аз ёдгориҳои меъмории асри XVII ба шумор меравад. Дар байни ин ду иморат хеле шабоҳат мавҷуд аст, аммо тафриқаи онҳо боз бештар мебошад. Таносуби рӯйи иморати мадрасаи Улуғбек ба ҳадди комил расида, ороишоти он сода ва дар айни замон хеле нафис аст. Аммо дар намои мадрасаи Абдулазизхон асаре аз таносуб мавҷуд нест, даромадгоҳаш ниҳоят дароз, канораҳои рӯйи иморат, баръакс, бисёр ғафсанд. Ороиши он бағоят бодабдаба ва пуркарруфар мебошад.

Агар дар бораи асри XVII ҳамчун яке аз марҳилаҳои инкишофи санъати меъмории Осиёи Миёна сухан ба миён ояд, ин, беш аз ҳама, ба ороишоти биноҳо дахл менамояд. Ороишгарони асри XVII анъанаи ду қарни пешинаро давом дода, баъзан муваффақиятҳои муайяни эҷодӣ ба даст меоварданд. Алалхусус, комёбии устодони кандакории рӯйи гаҷ ба назар намоёнтар буд. Шӯшаҳои гаҷии мадрасаи Абдулазизхон бо мураккабӣ, инчунин зарофат ва нафосати худ касро дар ҳайрат мегузорад. Дар ороиши иморатҳо аз ҳунари хотамкорӣ ва кошинкорӣ ба таври васеъ истифода мекарданд. Нақшҳо пурпечухам ва сарбаста, гаммаи рангҳо назар ба асрҳои XV–XVI дурушт ва хашинтар мебаромаданд, рангҳои зард ва сабз, ки ба таври фаровон кор фармуда шудаанд, онҳоро аз ҳад зиёд рангин менамуданд.

Аз нусхаҳои хаттии асри XVII, ки бо миниётурҳои рассомони Осиёи Миёна зинат ёфтаанд, миқдори хеле кам то замони мо расидааст. Вале аз ҳамин намунаҳои кам низ маълум мегардад, ки анъанаи мактаби миниётури осиёимиёнагии асри XVI давом ва инкишофи босазои худро дар асри XVII пайдо намудааст.[38] Хусусан, миниётурҳое, ки «Зафарнома»-и Шарафиддини Яздиро зеб додаанд, бисёр хуб ва ҷолибанд. Ин нусха соли 1628 дар Самарқанд китобат шуда, 12 миниётурро дар бар мегирад.[39] Миниётурсози забардасте дар саҳнаҳои размӣ бо як маҳорати ҳайратангез тавонистааст миқдори зиёди симоҳои одамиро ҷо диҳад, ки ҳар яки он боз ба назар зинда ва дар ҷунбишу ҳаракат намудор мешавад. Масалан, дар сурате, ки Ҳиротро муҳосира кардани Темур тасвир ёфтааст, 23 андоми одамӣ ва 18 асп мавҷуд аст. Дар миниётури дигар, ки лашкар кашидани Темур бар зидди хони Олтинӯрда – Тӯхтамиш тасвир шудааст, 20 кас ҷанг мекунад. Саҳнаи базми Темур низ пуродам аст: дар ин ҷо аҳли кибор, сипоҳиён, мутрибон, ҳофизон, ровиён ва соқиёнро метавон дид. Саҳнаҳо хеле зебо ва хушранг офарида шудаанд.

Дар асри XVII санъати портрет ҳам аз тараққӣ бознамонд. Чунончи, тасвири фасеҳи Имомқулихон, ки соли 1642 кашида шудааст, ба ин далолат мекунад.[40]

Вазъияти даври баъдина ба пешрафти бинокорӣ, меъморӣ ва санъат ягон қадар мусоидат накард. Нимаи аввали асри XVIII давраи харобии иқтисодӣ, хуруҷи ҷангҳои дохилӣ, ба вайронӣ рӯ овардани шаҳру деҳот, сар задани

---

[38] Пугаченкова Г. А. ва Ремпел Л. И., 1965, с. 358–359; «Среднеазиатскее миниатюри XVI–XVII вв», М., 1964.

[39] Семёнов А. А., 1956, с. 3–16.

[40] Пугаченкова Г. А., ва Ремпел Л. И., 1965:, с. 360–361. Дар хусуси санъати мусиқӣ. ниг.: Семёнов А. А., 1946 а.

шӯришҳои халқӣ, дубора авҷ гирифтани тохтутози хевагиҳо, ҳуҷуми тоифаҳои бодиянишин ва қӯшунҳои аҷнабӣ буд. Дар ин вақт, махсусан, ноҳияҳои марказии Мовароуннаҳр ва вилояти Балх зарар диданд. Дар натиҷаи ба ҳар тараф фирор кардани аҳолӣ чунин марказҳои маданӣ, монанди Бухоро ва Самарқанд беодам монданд. Табиист, ки аз ин замони ошуфта ва тира ҳеҷ як ёдгории муҳимми меъморӣ ва ҳунарӣ боқӣ намондааст.

## Адабиёти бадеии тоҷик ва солномаҳои таърихии асри XVII – ибтидои асри XVIII

Дар аҳди Ҷониён ду маркази адабӣ вуҷуд дошт, ки яке Бухоро ва дигаре Балх буд. Дар ин давра адабиёти тоҷик назар ба асри XVI бештар ба тараққӣ рӯ ниҳод. Лекин дар замони Субҳонқулихон шароит ба дараҷае сахт гардид, ки ҳатто як идда шоирони дарбор ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд.

Дар сурате ки адабиёти дарборӣ ва расмии тасаввуфӣ ҳолати таназзулро аз сар мегузаронид, дар доираҳои ғайрирасмӣ, махсусан дар байни пешаварони шаҳр назми рӯҳан ба муҳити халқ наздик тараққӣ карда, мисли Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Муллообиди Мумтоз ва, хусусан, Миробид Сайидои Насафӣ шоирони забардаст ба камол расиданд, ки маҳсули адабии онон бештар ба ҳаёти табақаҳои истеҳсолкунандаи мамлакат алоқаманд буд.

*Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ* соли 1657 дар маҳаллаи Зардӯзони Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ҳамаи хешу ақрабои ӯ дар касби зардӯзӣ маҳорати комил доштанд ва худи ӯ ҳам ин пешаро ба хубӣ азхуд карда буд. Фитрат дар соли 1685 ба Бухоро рафта, дар мадрасаи он ҷо таҳсил мекунад. Рӯзгори ӯ ба сахтӣ ва машаққат мегузашт. Муҳтоҷӣ ва тангдастӣ ӯро маҷбур намуд, ки ҳавлиашро фурӯшад. Харидор, ки шахси давлатманде буд, ӯро фиреб дода, ҳавлиро бо нархи хеле арзон соҳиб гардид. Шоир ба ин ваҷҳ дар бораи вай як шеъри ҳаҷвӣ навишта, бо ҳамин васила қасос гирифт. Фитрат дар аввалҳои асри XVIII вафот кардааст.

Соҳибони тазкира ӯро устоди ҳам назм ва ҳам наср донистаанд. Аз мероси адабии ӯ маснавии «Толиб ва Матлуб», як ҳаҷвия ва чанд ғазал дар дастраси мост. Девони ӯ то ҳол пайдо нашудааст.

*Сайидои Насафӣ* (ваф. байни солҳои 1707–1711) бузургтарин шоири ин давра аст. Дар замони ҳукмронии Абдулазизхон, Субҳонқулихон ва Убайдуллохон ҳаёт ба сар бурда, рӯзҳои тира ва мудҳишеро, ки истибдоди феодалӣ ба сари оммаи заҳматкаш оварда буд, бо чашми худ дидааст.

Сайидо дар давраи аввали эҷодиёти худ зоҳиран бо мақсади пайдо кардани сарпараст ва мураббие бо баъзе намояндагони табақаи ҳоким ва бо муҳити одамони дарбор наздик шуд ва таъсири ҳамин муҳит буд, ки чанд қасидаи худро ба Абдулазиз ва Субҳонқулихон бахшид. Аммо, вақте ки вай аз тамоми фисқу фуҷури дарбор ва разолати аҳли он воқиф шуд, ҳар чӣ зудтар худро аз муоширати ин тоифа дур кашид:

Қадам аз кӯчаи арбоби давлат кӯтаҳ авлотар,
Ки аз ҳар нақши пойи ман барояд чашмаи хуне.

Сайидо халқи худро бисёр дӯст медошт. Ӯ на фақат бо маҳсули адабии худ, балки шахсан ҳам афтодагон ва мазлумони бечораи ватанашро то метавонист ҳимоят мекард:

Ҳар куҷо афтодае бинам ба сар ҷо медиҳам,
Хори ин саҳро гули рӯйи сабад бошад маро.

Сайидо қасидаҳои худро на ин ки ба подшоҳон ва аъёну ашроф, балки ба камбағалон, пешаварон ва деҳқонон бахшида, ҳаёти ин гурӯҳи аҳолиро хеле хуб тасвир кардааст. Қасидаҳое, ки ӯ дар тавсифи нонвой, наққош ва ғ. навиштааст, аз ҳамин қабиланд. Дар байни асарҳои ӯ мавқеи муҳимро «Баҳориёт» («Ҳайвонотнома») ишғол мекунад. Шоир дар ин асари худ дар тимсоли ҳайвонот симои намояндагони табақаҳои мухталифи ҷамъияти феодалиро тасвир намуда, чунин ақидаеро пеш меронад, ки одамони меҳнатӣ агарчи дар назар чун мӯрчагон ба зери по афтодаанд, дар амал аз ҳама болотаранд ва агар онҳо иттифоқ кунанд, қавитарин душманро ҳам мағлуб карда метавонанд.

Сайидо дар як силсила шеърҳои худ харобии шаҳру деҳот, маҳрумият ва азоби бекарони аҳолиро дар аҳди Субҳонқулихон – даврае, ки, аз як тараф, муфлисӣ ва бенавоӣ зиёд шуда, аз тарафи дигар, сарвати синфи ҳукмрон беш аз пеш меафзуд, нишон додааст, чунонки ӯ менависад:

Фалак ба қомати пири хамида мемонад,
Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад...
Зи баски аҳли ҷаҳон хуни якдигар хӯрданд,
Сари сипеҳр ба нори макида мемонад.
Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор
Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад.[41]

Умуман, Сайидои Насафӣ дар давлати хонии Бухоро нахустин шоирест, ки ошкоро ба ҳимояти аҳли меҳнат бархоста, сохти феодалиро сахт танқид кардааст. Ӯ ҳамчун шоири соҳибистеъдод, ифодакунандаи орзуву омоли табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, хусусан ҳунармандон баромад кардааст. Аҳли меҳнат ва баёни кайфияти он дар эҷодиёти ӯ мақоми марказӣ дорад. Сайидо дар ифодаи ақидаҳои пешқадами иҷтимоӣ ва таблиғи ғояҳои инсониятпарварона аз муосирони худ хеле пеш гузаштааст. Дар шеърҳояш халқи меҳнаткашро ситоиш карда, бартарии онро аз дигар табақаҳои ҷамъият таъкид менамуд, бо ҷасорати тамом изҳор мекард, ки иқтидори аҳли меҳнат дар иттиҳод аст, синфи ҳокимро ба ҷаҳолат ва бераҳмӣ гунаҳгор карда, ба зери тозиёнаи сахт мегирифт.

Сайидо дар мавзӯъ ва шакли шеър баробари давом додани беҳтарин анъанаҳои гузаштагони худ, бисёр навиҳо овард. Дар ғазалҳояш ҳокимони золимро сарзаниш ва вайрониҳои мулкро бо дарду алам тасвир намуда, доираи мавзӯоти ин жанри анъанавиро хеле васеъ гардонид. Мавзӯъҳои қасидаро низ тағйир дод ва дар васфи ҳунармандон қасидаҳо офарид. «Баҳориёт»-и ӯро

[41] Мирзоев А. М., 1954. с. 18.

метавон шакли нави назми дидактикӣ ҳисоб кард. Дар адабиёти пас аз асри XVI ба тавассути эҷодиёти Сайидо жанри «шаҳрошӯб» равнақи тоза ёфт. Шоир дар эҷоди худ ташбеҳу истиораҳои нав, образҳои фолклорӣ ва таъбирҳои пуробуранги халқиро ба кор бурда, ганҷинаи воситаҳои тасвири бадеии назми тоҷикро ғанитар сохт.

Ғояҳои тасаввуфӣ ба эҷодиёти Сайидо як дараҷа таъсири манфӣ расонидаанд. Дар шеърҳои ӯ асари сабки мураккаби ҳиндиро ҳам метавон эҳсос намуд, лекин истифодаи шоир аз ин сабк бештар характери эҷодӣ дошт.

Аксари шоирони гузашта ба нигаҳ доштани меъёри дахлнопазири забони адабиёти классикӣ саъй менамуданд. Пас аз воқеаҳои сиёсии ибтидои асри XVI, пайдоиши ҷудоӣ ва дурӣ дар байни Эрону Мовароуннаҳр ҳифзи ягонагии забон моҳияти пешинаи худро аз даст дод. Сайидо инро дарк карда, бо ҷуръати тамом анъанаи қадимаро шикаст ва ба назм калимаҳои оммафаҳми забони гуфтугӯии модариашро дохил намуд. Забони офаридаҳои ӯ ба забони адабии ҳозираи тоҷик бисёр наздик аст.[42]

Асри XVII дар баробари расонидани ин қабил намояндагони бузурги адабиёт аз таърихнависон низ холӣ набуд. Маҳмуд ибни Валӣ яке аз таърихнависони барҷастаи ин давра мебошад. Асари ӯ «Баҳр-ул-асрор фӣ маноқиб-ул-ахбор» як навъ энсиклопедияест, ки аз чор ҷилд фароҳам омада, қисмати таърихии он воқеаҳои давраи аз Чингизхон то Ҷониёнро дар бар мегирад.

Дигар асари муҳимме, ки дар ин давра таълиф ёфтааст, «Таърихи Сайид Роқим» мебошад. Ин асар агарчанде воқеаҳои таърихиро бо як тартиби муайян тасвир намекунад, лекин дар бораи одамони машҳур, дар хусуси бинокорӣ ва осори адабии замони Темур ва давраҳои баъдина то асри XVIII маълумоти хеле пурқимат медиҳад.

Ҳамчунин асари Муҳаммадамини Яроқчӣ «Муҳит-ут-таворих»-ро низ метавон дар қатори сарчашмаҳои муҳимми таърихии ин давра номбар кард. Муаллифи ин китоб шарҳи воқеаҳои таърихиро аз давраҳои қадим сар карда то нимаҳои асри XVII оварда мерасонад ва дар аҳди салтанати Ҷониён (Аштархониён) ба таври муфассал таваққуф мекунад.

Аз таълифоти дигаре, ки дар ин давра ба вуҷуд омадааст, асари Муҳаммадюсуфи Муншӣ «Таърихи Муқимхонӣ» мебошад. Дар ин асар, асосан, таърихи давраи Ҷониён то соли 1704 тасвир ёфтааст. Ниҳоят, муҳимтарин асари таърихии ин давра «Убайдуллонома»-и Мирмуҳаммадамини Бухорист, ки комилан ба давраи ҳукмронии Убайдуллохон бахшида шуда, воқеоти солҳои 1702– 1711-ро фаро гирифтааст.

[42] Ҳамон ҷо, с. 159–162.

# БОБИ СЕВУМ

# ҲАЁТИ ТОҶИКОН ДАР АМОРАТИ БУХОРО ВА ДАВЛАТИ ХОНИИ ХӮҚАНД (АЗ МИЁНАҲОИ АСРИ XVIII ТО МИЁНАҲОИ АСРИ XIX)

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ДАВЛАТИ ХОНИИ ХӮҚАНД. ЭКСПАНСИЯИ БРИТАНИЯ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

### Ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Бухоро ва Хева

Дар миёнаҳои асри XVIII Осиёи Миёна, ки дар натиҷаи ҷангҳои дохилӣ пароканда ва аз харобиҳои иқтисодӣ хеле заиф шуда буд, ба ҳуҷуми шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор дучор гардид. Нодиршоҳ дар муҳорибаҳои Кавказ, Афғонистон ва Ҳиндустон зафар ёфта, дар соли 1740 аз роҳи Балх ва Чорҷӯй ба Мовароуннаҳр дохил шуд.[1]

Чунонки дар фасли гузашта хотирнишон гардид, дар Осиёи Миёна давлати ягона вуҷуд надошт. Дар сари давлати хонии Бухоро намояндаи сулолаи Ҷониён – Абулфайзхон (1711–1747) меистод. Муаррихи бухорӣ – Мирзо Абдулазими Сомӣ менависад: «Абулфайзхон бошад ба лиҳози тиҳияти фиросату заковату қобилият аз аспи айшу тараб поён намешуд, аз суҳбати писарону духтарони маҳлиқо берун намеомад ва ба ҷуз ошомидани шароби нобу баҳра бардоштан аз зебописарону лаззат гирифтан аз ҳофизону машшоқон дигар ба ҳеҷ кор шуғл намеварзид. Ин буд, ки кори давлат рӯ ба инқироз ниҳод ва аҳкоми шариат аз доираи риоят маҳрум гардид. Ҳар кас тамаи сардорӣ дошту ҳар фард ғарази раҳбарӣ...».[2]

Дар Самарқанд мулки мустақиле ба вуҷуд омада буд, ки бо Бухоро рақобат мекард.[3] Ҳокими Самарқанд аз бодиянишинон кумак хост ва онҳо дар давоми ҳафт сол (1723–1730) водии Зарафшонро ба харобазор табдил доданд. Қаҳтӣ ва гуруснагӣ сар шуда, сокинони Самарқанду Бухоро ба ҳар сӯ пароканда гардиданд.[4]

Ба қавли Муҳаммадвафои Карминагӣ, бодиянишинҳо дар зарфи «ҳафт сол амволи хосу омро ба ғорат ва мардумро ба асорат бурда, саросари мамлакат

[1] Дар бораи Нодиршоҳ ва истилокориҳои ӯ ниг.: Пигулевская Н.В. ва дигарон, 1958, с. 316–325.
[2] Сомӣ, 1962, с. 41
[3] Абдураҳмони Толеъ, 1959, с. 69
[4] Чехович О.Д., 1954, с. 71–73

ҳиҷоби тираи ҷабру тааддӣ густарониданд; бо ағному аҳшом ва маркабҳои худ мазрааву киштзор ва боғоту токзорҳои деҳқононро поймол намуданд. Заминҳои кишт ва чарогоҳҳои мамлакат дар зери суми чорпоёни сершумори (бодиянишинон) ба биёбон мубаддал шуданд. Ҳосили ғалла ниҳоятдараҷа коҳиш ёфт, қаҳтӣ ва гаронӣ аз ҳар ҷиҳат дар ҳадди интиҳои бераҳмӣ эҳсос мешуд; гуруснагӣ ва қашшоқӣ ҳукмфармоӣ мекард... Нон қурси моҳро мемонд: ҳарчанд ба назар менамуд, ба даст намеомад»[5]. А.А.Семёнов ҳаққонӣ таъкид мекунад: «Ва ҳамин вайронии аз ҳад гузарои давлати охирини Аштархонӣ, ки аз бенизомӣ ва худсариҳои гурӯҳи ҳукмрон – амирони худком, тамаъкор ва фосиқ рух дода буд, дар давлати хонӣ чӣ андоза ба таназзул расидани қувваҳои истеҳсолкунанда ва чӣ дараҷа қашшоқу хонабардӯш гардидани аҳолиро ба таври возеҳ аён месозад».[6]

Дар ин давра табақаи ашрофи қабилаи манғит имтиёзи бештаре пайдо мекунад, ки ин ҳолат эътирози шадиди аъёну ашрофи дигар тоифаҳои ӯзбекро ба амал меорад. Абулфайзхон дар ҳокимияти ҳарбию сиёсӣ ягон қудрате надошт. Ин вазъияти харҷумарҷи сиёсӣ ва харобии иқтисодӣ ба Нодиршоҳ, ки сиёсати маккорона ва ҳисобгаронаро пеш гирифта, дар роҳи қасду ниятҳои худ майлҳои ҷоҳталабонаи феодалони осиёимиёнагиро моҳирона истифода мебурд, имкони ба муваффақият соҳиб шуданро муҳайё месохт.

Ба замми ин, лашкари ӯ хеле беҳтар мусаллаҳ ва муташаккил буд.

Писари Муҳаммадҳаким атолиқи мардуд – Муҳаммадраҳимбии ҷоҳталаб ба истиқболи Нодиршоҳ рафта, дар назди ӯ сари итоат фуруд овард. Худи Муҳаммадҳаким, ки аз тарафи Абулфайзхон барои музокирот ба ҳузури Нодиршоҳ фиристода шуда буд, низ ба манфиати шоҳи Эрон амал кард. Пас аз бозгаштан бо амри Нодиршоҳ Муҳаммадҳаким ҳукмрони Бухоро ва бародари ӯ – Муҳаммаддониёлбӣ ҳокими Кармина таъйин шуданд. Ба ин тариқа, Бухоро ба қаламрави Нодиршоҳ мубаддал гардид.

Дар худи ҳамон сол Нодиршоҳ муқовимати ғаюронаи Элбарсхонро дарҳам шикаста ва ӯро дар муҳориба ҳалок намуда, Хеваро низ забт кард ва ба сари ҳокимият қоиммақоми худро нишонд. Ӯ ҳам дар Бухоро ва ҳам дар Хева захираҳои озуқа, пул ва дигар чизҳои пурқиматро мусодира карда, аскарони маҳаллиро ба қӯшуни худ ҳамроҳ намуд.

Пас аз вафоти Муҳаммадҳакимбии атолиқ писари ӯ – Муҳаммадраҳимбӣ қӯшуни пурқувват ва боинтизоме ташкил дода, исёни амирони мухолифро фурӯ нишонид ва дар дарбори Абулфайзхон мавқеи асосиро ишғол намуда, амалан ҳукмрони давлати хонӣ гардид.

Дар соли 1747 Нодиршоҳ ба дасти дарбориёни худ кушта шуда, давлати бузурги ташкилкардаи ӯ фавран рӯ ба завол ниҳод. Аҳмадхон, ки аслан аз хонадони хонии қабилаи абдолии афғон буда, яке аз сарлашкарони Нодиршоҳ маҳсуб меёфт, дарҳол ба Қандаҳор рафта, сардорони қабилаҳои афғонро ба атрофи худ муттаҳид намуд ва худро подшоҳи Афғонистон эълон карда, асоси давлати кунунии афғонҳоро бино ниҳод.

Бисёр вилоятҳои тоҷикнишин, аз ҷумла вилояти Ҳирот ба ҳайати давлати Аҳмадшоҳ дохил шуд. Дар солҳои 1750–1752 Аҳмадшоҳ аз Ҳирот қувваи зиёди

---

[5] Муҳаммадвафои Карминагӣ, дастхат, с. 18–19.
[6] Ниг.: ба сарсухани А.А.Семёнов дар асари Абдураҳмони Толеъ, 1959, с. 6-7.

ҳарбиро барои тобеъ намудани музофотҳои тоҷикинишин ва ӯзбекнишини соҳили ҷанубии дарёи Аму равона сохт. Ба феодалони афғон муяссар гардид, ки муваққатан ҳокимони баъзе вилояту музофотҳо, аз қабили Балх, Андхой, Маймана, Ахча, Шибирғон ва Қундузро ба худ мутеъ намоянд. Дар Балх гарнизони афғонӣ гузошта, волие аз қавми афғон нишонда шуд (дар аксари вилоятҳо ба тариқи вассал моликони маҳаллӣ фармонравоӣ мекарданд). Баъдтар Бадахшон ҳам таҳти нуфузи сиёсии Афғонистон қарор гирифт. Ниҳоят, дар асри XIX қисми зиёди заминҳои дар соҳили чапи дарёи Аму воқеъгардидаи тоҷикон, ӯзбекҳо ва туркманҳо ба ҳайати давлати Афғонистон дохил гардид[7]. Дар натиҷа миқдори бисёри тоҷикон аз ҳамқавмони дар соҳили рости дарёи Аму сукунатдоштаи худ ҷудо шуданд. Феодалон деҳқонони тоҷикро аз заминҳояшон ронда, киштзорҳои ҳосилхезро ба даст даровароданд ва қарияҳои нимҳарбӣ барпо намуданд.

Дар солҳои 70-уми асри гузашта муаррихи афғон Муҳаммад Ҳаётхон дар асари машҳури худ «Ҳаёти Афғон» роҷеъ ба қисмати талхи деҳқонони тоҷик чунин навишта буд: «Кайҳост, ки онҳо аз ҳуқуқи заминдорӣ маҳрум гардида, ба деҳқони кироянишин ва ё муздури афғонҳо табдил ёфтаанд».[8]

## Оғози ҳукмронии Манғития

Соли 1747, аз кушта шудани Нодиршоҳ дере нагузашта, Муҳаммадраҳимбӣ Абулфайзхонро бо ду писараш ба қатл расонид ва бо ҳимояти табақаи ашроф ва рӯҳонӣ ба тахти хонии Бухоро нишаста, дар соли 1753 ба силсилаи Манғития асос гузошт.

Ӯ барои пурқувват кардани ҳукумати хонӣ дар навбати аввал бар зидди ҳаракатҳои худсаронаи сардорони қабилаҳои бодиянишини ӯзбек мубориза бурд ва мухолифати феодалони маҳаллиро нисбат ба ҳокимияти марказӣ то дараҷае барҳам дод. Ба ҳар як вилояти тобеи худ ҳоким таъйин кард. Аксар вақт гуфтушунидҳои дипломатие, ки дар ин бобат бо болонишинони аз тобеияти ҳукумати марказӣ сар кашидаи қабилаҳо ба амал меомаданд, натиҷае намебахшиданд. Ба ин сабаб вилояти Ҳисор бо зӯрӣ тобеъ карда шуд: Муҳаммадраҳимхон ба Ҳисор ду дафъа (солҳои 1756–1757) лашкар кашид. Дар воқеоти он давра Қубодиён, ки он ҷо ҳокими пешина ҳукмронӣ мекард, ҳамчунин деҳаи Душанбе (қалъаи Душанбе ба муносибати воқеаҳои ибтидои асри XVIII низ ёд мешавад) роли муҳим бозиданд. Дар Ҳисор истеҳкомоти нав сохта, истеҳкомоти пешина дубора ба кор андохта шуданд. Чун Ҳисор ва вилоятҳои атрофи он барои давлати хонӣ аҳамияти калон доштанд ва феодалони ин маҳалҳоро табиати саркаше буд, Муҳаммадраҳимхон амаки худ – Дониёлбиро ҳокими Ҳисор ва вилоятҳои кӯҳистон таъйин намуд. Самарқандро забт карда, ҳокимияти онро ба бародари худ супурд. Дар Шаҳрисабз, Тошканд ва дигар вилоятҳо низ одамони худро ба сари кор овард. Фақат Ӯротеппа, ки дар нимаи дувуми асри XVIII ба ҳайати он шаҳрҳои

---

[7] Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор, 1959. Масъалаи пайдоиши давлати афғонҳо дар асарҳои шарқшиносони советӣ, ки ба консепсияи марксистии ин масъалаи муҳим асос гузоштаанд, хусусан дар асарҳои Рейснер И.М., 1954; Ганковский Ю.В., 1958 а; Массон В.М., Ромодин В.А., II, 1965, муфассал тадқиқ шудааст

[8] Муҳаммад Ҳаётхон, 1874, с. 299.

Хуҷанд, Ҷиззах, қалъаҳои Зомин, Ём ва ғ. дохил мешуданд, ҳамчун мулки мустақил боқӣ монд.[9]

Дар аҳди ҳукмронии Муҳаммадраҳимхон дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай бисёр воҳаҳои зироатӣ ба майдони муҳориба мубаддал гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зарарҳои зиёде расонида шуд.

Соли 1756 ӯ худро хон эълон намуд.

Баъд аз марги Муҳаммадраҳимхон дар соли 1758 амаки ӯ – Дониёлбӣ аталиқ (1758–1785) ҳукуматро ба дасти худ гирифт. Лекин вай лақаби хониро қабул накарда, исман Абулғозӣ ном набераи Абулфайзхонро ба тахт нишонид ва худаш маъмури вазифаи аталиқӣ гардид. Дониёлбӣ бештар ба қувваи ҳарбӣ такя мекард ва барои таъмини он чизеро дареғ намедошт. Ин буд, ки дар аҳди ӯ ҳамаи сарлашкарони ашрофии қабилаҳои манғит заминҳои зиёдеро ба тариқи танхоҳ соҳиб шуда, барои ҳар чӣ бисёртар фоида ситонидан аз ин заминҳо саъй мекарданд. Дониёлбӣ аз рӯҳониён ва шайхони дарвешӣ низ ҳимоят ва пуштибонӣ медид.

Чи навъе ки адиб ва олими маъруфи тоҷик дар асри XIX Аҳмад Махдуми Дониш қайд мекунад, дар аҳди Дониёлбӣ хеле андозҳои нав, монанди аминона, никоҳона, муҳрона, ҳаққи тарозу ва амсоли инҳо ҷорӣ карда шуд. Ҳамаи инҳо сабабгори боз ҳам бештар ба табоҳӣ рӯ овардани вазъи зиндагии табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ мегардиданд ва, ба қавли Аҳмади Дониш, «фуқаро ва раоёро маҷоли ҳаракат ва сукун набуда аз фарти зулму заҷр ва олуҳу солуқ, мисли аминона, вакилона, арзонии никоҳ ва қиматии никоҳона. Масалан, муҳри муаҷҷал даҳ дирам, никоҳонаи қозӣ даҳ динор, як ман гандум даҳ танга, ҳаққумизон понздаҳ танга ва ғайра.[10]

Худкомии аъёну ашроф ва табоҳии ҳоли мазлумон, алалхусус, дар ибтидои ҳукмронии Дониёлбӣ зиёдтар гардид. Аҳолии меҳнаткаш дар саросари мамлакат, аз ҷумла дар Бухоро, борҳо шӯриш намуд. Ҳукмрони куҳансол дигар аз уҳдаи ба сари итоат овардани вассалҳои саркаш ва фурӯ нишондани шӯру ошӯбҳои мардум баромада наметавонист.

Қувват гирифтани парокандагии феодалӣ, беш аз ҳама, дар тангшавии ҳудуди давлати хонӣ зоҳир мегардид.

Балх истиқлолият ба даст овард. Фарғона дар охирҳои асри XVII ниммустақил шуда, баъдтар дар ин ҷо хонии мустақили Хӯқанд ба вуҷуд омад, ки дар сари он намояндагони қабилаи ӯзбеки минг қарор гирифтанд. Ташаккули хонии Хӯқанд дар миёна ва нимаи дувуми асри XVIII, дар замони ҳукмронии Эрдонабӣ ва Норбӯта ба анҷом мерасад. Давлати хонии Хева дар асри XVIII давраи хеле сахти ҷангу ҷидолҳои байнихудиро аз сар мегузаронд, ба замми ин дар солҳои 60-ум саросари онро гуруснагӣ ва вабо фаро гирифт. Дар Хева қариб одам намонд. Андаке ба ифоқа омадани тартибу низоми ин хонӣ бо фаъолияти ҳукмрони он – Муҳаммадамин алоқаманд аст. Муҳаммадамин аслан аз қабилаи ӯзбеки қунғрот буда, ба сулолаи Қунғротҳо, ки то соли 1920 давлати хониро идора кардаанд, асос гузоштааст.

Мулкҳои кӯҳистоние, ки дар сарзамини кунунии Тоҷикистон, аксаран дар навоҳии Ҳисору Кӯлоб воқеъ гардида буданд, аз давраи салтанати Ҷониён

---

[9] Мухторов А., 1964, с. 18–19.
[10] Аҳмад Махдуми Дониш, 1960, с. 13; Аҳмади Дониш, 1967, с. 27.

дар амал ҳамчун мулкҳои ниммустақил боқӣ монда, аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ идора мешуданд. Мулки Ӯротеппа ҳам, ки саргаҳи Зарафшон – аз Панҷакент то Мастчоҳ ҳамоно дар ҳайати он буд, истиқлолияти худро нигаҳ медошт.

## 2. МУБОРИЗА ДАР РОҲИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ АМОРАТИ БУХОРО

Чунонки дар боло қайд карда шуд, норизоятии оммаи халқ тамоми аморати Бухороро фаро мегирифт. Дониёлбӣ на фақат худсариҳои феодалонро бартараф карда натавонист, балки худаш торафт бештар мутеи қушбегӣ ва қозикалон мегардид. Яке аз писарони ӯ – Шоҳмурод худро тамоман ба тариқати сӯфия бахшида, муриди шайхе шуд. Вай дар зоҳир аз дарвеши мискин ҳеҷ тафовут надошт. Бо фармоиши шайх ҳатто дар бозор ҳаммолӣ мекард. Содагӣ ва дастрасии зоҳирӣ, тарзи зиндагии шикастанафсонаи шаҳзода, ки ба куллӣ хилофи зиндагонии айёшона ва пурдабдабаи аъёну ашроф ва худи Дониёлбӣ буд, боиси дар байни оммаи халқ ва аҳли зуҳду тақво шуҳрат ва эътибори зиёд пайдо кардани ӯ гардид. Шоҳмурод, махсусан, ба рӯҳониён ихлос ва эҳтироми беандоза доштани худро бо ҷидду ҷаҳди тамом таъкид менамуд. Дониёлбӣ чунин маъруфияти писарашро ба назар нагирифта наметавонист ва шаҳзода дар умури давлат беш аз пеш нуфуз пайдо намуд. Ӯ ба бекор кардани баъзе андозҳо низ муваффақ шуд. Падарро ба ҷуз ворис худ таъйин кардани ӯ дигар чорае намонд.

Пас аз вафоти Дониёлбӣ валиаҳди ӯ либоси тавба дар тан фарёдкунон дар кӯчаҳои Бухоро гашта, бо лобаву зорӣ аз мардум илтиҷо менамуд, ки гуноҳҳои нисбат ба мардум кардаи марҳумро бубахшанд. Вай ҳамчунин ҳиссаи худро аз мероси падар гирифта, амр кард, ки ин сарватро ба касоне, ки «аз онҳо ситонида шудааст», баргардонанд. Чунин вонамуд мекард, ки гӯё ӯ ғайри хоҳиши худ ба тахти салтанат нишастааст ва, аз ин рӯ, боз ба асбоби таҷаммул наздик нашуда, худро дар маслаки зуҳду тақво нигоҳ медошт. Тарзи зиндагии хоксорона ва порсоёнаи ӯ (либоси фақру фоқа мепӯшид ва онро то ҷиғда-ҷиғда шуда дариданаш аз тан намекашид, таоми одӣ ва хеле кам мехӯрд, ҳеҷ гоҳ ҳадя намегирифт, дар як рӯз барои эҳтиёҷоти худ фақат як танга харҷ мекард ва ғ.) муосиронашро дар ҳайрат мегузоштанд. Ӯ барои таҳдиди синфи хоҷагон ва ашроф қушбегӣ ва қозикалонро дар ҳузури умум ба қатл расонид. Чунин рафтору кирдори ӯ, ки аз рӯйи мулоҳизаҳои сиёсӣ сурат мегирифт, дар кори соҳиб шудан ба тахти салтанат ва ба тарафи худ кашидани таваҷҷуҳи оммаи мардум роли муҳим бозид.[11]

Ин таваҷҷуҳ барои Шоҳмурод ниҳоятдараҷа зарур буд, зеро дар соли ба тахт нишастани ӯ (1785) косаи сабри аҳолии Бухоро лабрез шуда, онҳо шӯриш бардоштанд. Дар рафти шӯриш беш аз ҳазор нафар кушта шуд. Аз ин рақам ба

[11] Содагӣ ва порсоии Шоҳмурод ба дараҷаи афсона расида, номи аслии ӯ «Амир Маъсум» (ба маънии «амири бегуноҳ» ) машҳур шудааст – ниг.: Семёнов А.А., 1953, с. 41–42. Аммо золимии ӯ низ ба андозае муосиронашро мутаҳайир сохтааст, ки таърихи вафоташро «золим мурд» гуфтаанд –ниг.: Семёнов А.А., 1924, с. 163, эзоҳи 2.

хубӣ маълум мешавад, ки муборизаи халқ то чӣ андоза вусъат доштааст. Шоҳмурод маҷбур шуд савганд хӯрад, ки аҳолии Бухороро аз ҷавру зулм ва хироҷу андозҳои аз ҳад зиёд озод хоҳад кард. Ва фармони ӯро ба рӯйи санг сабт намуда, дар пештоқи масҷиди ҷомеи Бухоро гузоштанд. Албатта, ин як ваъдаи хушку холӣ ва фақат василаи аз ғазаби халқ раҳоӣ ёфтан буд. Аз бухориён минбаъд ҳам молиёти махсус, ки ба мақсадҳои ҳарбӣ андохта мешуд, меситониданд.

Аҳди салтанати амир Шоҳмурод (1785–1800) дар таърихи сулолаи Манғития давраи нисбатан устувор гардидани аморат ба шумор меравад.

Шоҳмурод ба мақсади бартараф намудани норизоятии умумӣ, ки дар вақти ҳукмронии падараш пайдо шуда буд, баъзе ислоҳот ҷорӣ намуд. Вай фақат чунин андозҳои шаръӣ, монанди хироҷ ва закотро боқӣ гузошта, дигар ҳамаи молиёт, боҷ ва ҷаримаҳоро барҳам дод. Лекин ба ивази ин ҷизя – андози аз қавмҳои ғайримусулмон ситондашавандаро хеле зиёд кард. Ба аскарон моҳиёна муқаррар намуд. Бисёр заминҳои вақфро, ки амирони собиқ мусодира карда буданд, дубора барқарор кард. Ба ин восита ӯ рӯҳониёни исломро ҳомии худ карда, дар роҳи мустаҳкам намудани ҳокимияти худ аз нуфузи дар байни оммаи мардум доштаи онҳо моҳирона истифода мебурд.

Ислоҳоти пулие, ки ӯ дар оғози ҷулуси худ гузаронид, барои ҳаёти иқтисодии мамлакат аҳамияти калон пайдо намуд. Хонҳои сулолаи Ҷониён ва сипас нахустин амирони манғит сиккаҳои нуқраи камиёр бароварда, аз тафовути қурби расмӣ ва амалии ин сиккаҳо фоидаи зиёде ба даст меоварданд. Ин ҳолат, дар навбати худ муомилоти пулиро вайрон карда, чун бори гароне ба дӯши аҳолӣ меафтод. Шоҳмурод иқдоми қатъӣ намуд. Шакли зоҳирӣ, ҳаҷм ва вазни сиккаҳоро тағйир дода, онҳоро аз нуқраи пуриёр мебаровардагӣ шуданд. Ҳар кас метавонист ба сиккахона нуқра оварда, ба ивазаш (ҳаққи зарробиро пардохта) пул бигирад. Зоҳиран, сиккаҳои куҳнаи пеш аз ислоҳот аз эътибор соқит карда шуданд.[12] Ин ислоҳоти пулӣ бар тибқи талаботи айнии иқтисодиёт ба вуқӯъ пайваста, баривоҷу равнақи тиҷорат мусоидат намуд.

Ба Шоҳмурод лозим омад, ки ба мақсади афзудани иқтидори ҳокимияти марказӣ ҳокимони вилоятҳоро аз кор барканор карда, ҳокимони нав таъйин намояд. Ба ҳар шаҳру деҳа қозӣ таъйин карданро низ ӯ ба таомул даровард. Муқобилати феодалони ҷудогона дарҳам шикаста шуд. Ҳатто саркаштарини онҳо низ сари итоат хам кард. Чунончи, Ниёзалӣ, ки дар вақти Дониёл худро дар Шаҳрисабз мустақил эълон карда буд, итоати амир Шоҳмуродро қабул намуд.

Шоҳмурод умури маҳкамаро низ як дараҷа ба тартиб даровард. Худаш рисолае роҷеъ ба ҳуқуқ таълиф намуд, ки барои қозиҳо ҳамчун дастур хизмат мекард. Дар он замон қонуне ҷорӣ гардид, ки бар тибқи он агар касе нисбат ба моликият ҷинояте содир кунад, сарфи назар аз мартабаҳои ҷамъиятии ӯ, ба сахттарин ҷазо гирифтор мешуд. Чунин тадбирот як андоза пеши роҳи ғорату тороҷҳои аз ҳад зиёдро гирифта, ба манфиати табақаҳои осоишталаби аҳолӣ буд. Ҳама медонистанд, ки барои роҳзанӣ сар аз тан ҷудо мекунанд, барои дуздӣ дасти ростро мебуранд ва ғ. Шоҳмурод ин чорабиниҳоро таҳти ливои мубориза дар роҳи риояти аҳкоми шариат амалӣ намуда, бо ин баҳона барои

---

[12] Давидович Е.А., 1964, с. 164–168.

муроқибат ва муҳофизати расму оин мансаби раисро ҷорӣ сохт, ки ӯ мебоист иҷрои тамоми фармудаҳои шариатро хурдагирона назорат мекард.[13]

Мустаҳкам шудани ҳокимияти марказӣ боиси таъмини амнияти роҳҳо гардид ва ин дар баробари ислоҳоти пул барои равнақи тиҷорат заминаи мусоид фароҳам овард. Хоҷагии воҳаҳои зироатӣ, хусусан водии Зарафшон, инчунин ҳавзаи дарёи Аму ва Қашқадарё дубора рӯ ба сабзиш ниҳод. Дар бобати афзудани нуфуси ноҳияҳои камодам чораҳо дида шуданд, каналҳои нави обёрӣ акнун на аз они феодалҳои маҳаллӣ, балки моли подшоҳӣ маҳсуб меёфтанд ва аз ин ҳам мадохили хазинаи давлат меафзуд. Дар натиҷаи пешрафти корҳои обёрӣ протсесси ба зиндагонии муқимӣ гузаштани тоифаҳои бодиянишини ӯзбек дар заминҳои навобод қувват гирифт.[14]

Амир Шоҳмурод риёкорона қиёфаи дарвеши порсоро ба худ гирифта, таассуби диниро ривоҷ медод ва аз он ба мақсади ҷорӣ кардани сиёсаташ истифода менамуд. Ӯ таҳти шиори «ҷиҳоди муқаддас бар зидди шиаҳо» чандин мартаба ба Хуросон лашкар кашид ва бисёр маҳалҳои онро тороҷ намуд. Умарои Манғития дар ин лашкаркашиҳо ҳар як каси қобили меҳнатро аз аҳолии Хуросон асир карда, ба Бухоро меоварданд. Ба ин восита бозори ғуломфурӯшии Бухоро хеле авҷ гирифт. Дар охирҳои асри XVIII, вақте ки Эрон саргарми ҷангҳои дохилии худ буд, Шоҳмурод дубора Марвро ишғол кард. Пас аз чанде вай ба муқобили бародари худ Умарбӣ, ки дар Марв ҳукм ронда, барои ҷудо шудан аз Бухоро кӯшиш мекард, дохили муҳориба гардид ва сарбанди дарёи Мурғобро ба куллӣ вайрон намуд. Ӯ тадриҷан қисмати зиёди аҳолии ин воҳаро ба Самарқанду Бухоро кӯчонида, дар таъмири харобаҳое, ки аз ҷангҳои собиқ ба амал омада буданд, истифода бурд. Ин сиёсати пешгирифтаи Шоҳмурод то андозае ба тармими харобиҳои водии Зарафшон, махсусан атрофи Самарқанд ва Бухоро мусоидат кард, вале дар айни замон вай боиси тамоман ба харобазор табдил ёфтани воҳаи Марв гардид. Шоҳмурод якчанд дафъа ба тарафҳои Ӯротеппа лашкар кашид ва дар ин мавридҳо низ аксари аҳолии қобили меҳнати Хуҷанд, Ӯротеппа, Хавос, Зомин ва Ёмро зӯран ба Самарқанд бурда, дар сохтмони биноҳо ва иншооти обёрӣ истифода бурд. Маҳз бо қувваи ин одамон дар Самарқанд 24 масҷид ва дигар иморатҳои гуногун сохта шуданд.[15]

## Аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX

Пас аз фавти Шоҳмурод писараш – амир Ҳайдар (1800–1826) ба тахти аморат нишаст.

Вай аксарияти вақтро ба мутолиаи асарҳои фиқҳ ва munоқашаҳои бемаънии шарҳу ҳошияҳо сарф мекард. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки худро «яке аз уламои замон» пиндошта, дар мадрасаи арк, ки бо амри ӯ сохта буданд, ба дарсгӯӣ машғул шуд. Чи навъе ки дар охири асри XIX пирмардони бухороӣ ба А.А.Семёнов ҳикоят кардаанд, муллобачаҳоро ба дарси «амири донишманд» ба зарби чӯб ҷамъ менамудаанд, зеро касе бо ихтиёри худ дар

[13] Мирзошамси Бухорӣ, 1861, с. 45.
[14] Бартолд В.В., 1963 в. с. 281.
[15] Мухторов А., 1964 с. 45

пеши ӯ дарс хондан намехостааст.[16] Ин амири тақводор ҳимоят ва тарафдории рӯҳониёнро меҷуст (ва пайдо ҳам кард). Амир Ҳайдар Қуръонро саропо аз бар карда бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ зоҳиди риёзаткаш набуд –аз сад канизи ҳарамсарои худ якеро интихоб намуда, ҳар моҳ ҳамсарашро иваз мекард, ҳамчунин аз байни пиразанони кордида касони махсус ба ҳар гӯшаву канори мамлакат фиристода мешуданд, то ки духтарҳои соҳибҷамолро пайдо карда, ба хидмати амир оваранд.

Дар аввалҳои ҳукмронии амир Ҳайдар ба қӯшуни Бухоро муяссар гардид, ки ба Хева зарбаи хеле шадид расонад ва аз ин ҷониб хавфи ҳуҷуми душманро ба Бухоро бартараф намояд. Лекин баъдтар, ба сабаби заиф гардидани аморати Бухоро, хонҳои Хева боз муттасил ҳуҷум намуда, то девори пойтахт расиданд. Мубориза бо Шаҳрисабз ва давлати хонии Хӯқанд хеле тӯлонӣ ва тоқатфарсо буд. Амир Ҳайдар дар ҷанги Ӯротеппа ғалаба карда, Ҷиззах ва саргаҳи Зарафшонро ба қаламрави худ дохил намуд.

Амир Ҳайдарро лозим омад, ки ба тарафи Ҳисор ҳам лашкар кашад. Ӯ дар ин ҷо баъзе муваффақиятҳо ба даст овард. Ҳокими Ҳисор, ки акнун хусури амир Ҳайдар гардида буд, унвони аталиқро соҳиб шуд ва гоҳо ба амир пешкаш ва қувваҳои ҳарбӣ мефиристод. Вай амалан дар аксари корҳои мулкдорӣ бо ихтиёри худ амал мекард. Г.Мейендорф аз ҳикоятҳои амалдорони Бухоро дар соли 1820 чунин таассуроте ҳосил намуд, ки Ҳисор мулки басо сарватманд аст.

Шаҳри Ҳисор – нишемангоҳи ҳоким қариб се ҳазор иморат дошт ва дар водии шукуфони дорои заминҳои ҳосилхез (хусусан мазрааҳои фаровони шолӣ) ва чарогоҳҳои сабзу хуррам ҷой гирифта буд. Ғайр аз ин, Деҳнав, Қаратоғ ва Регар низ аз калонтарин маҳалҳои аҳолинишини ин мулк ба шумор мерафтанд. Ҳокими Обигарм баъзан бо ҳокими Ҳисор ҷанг мекард.[17]

Миризатулло дар соли 1813 вазъияти сиёсии ҳамон қисмати Осиёи Миёнаро, ки бо он шиносоӣ дошт, ба тариқи зайл баён менамояд: Мовароуннаҳр «миёни ҳокимони ҷудогона, ки пуриқтидортарини онҳо подшоҳи Бухоро Мир Ҳайдар мебошад, тақсим гардидааст». Ҷойи дувумро аз ҷиҳати мақом амири Фарғона – Умархон мегирад. Севумӣ волии Ӯротеппа Маҳмудхон аст. Пас аз онҳо Шаҳрисабз Ниёзалӣ меистад. Ӯ исман табааи Бухоро маҳсуб ёфта, аммо намегузошт, ки ба номи Мир Ҳайдар хутба хонда ва сикка зарб карда шавад. Сипас, Миризатулло ҳокимони Ҳисор, Қубодиён ва Қӯрғонтеппаро зикр менамояд. Дар соҳили чапи дарёи Аму мулки Хоразм воқеъ аст, ки ҳокими он Муҳаммад Раҳимхон мебошад. Дар Бадахшон Мирмуҳаммадшоҳ ҳукмронӣ мекунад, Шуғнон ҳам ҳокими худро дорад. Ва хотирнишон менамояд: «Ҳамаи ин ҳокимон бо ҳам намесозанд ва доимо дар ҷангу ҷидоланд».[18]

---

[16] Семёнов А.А., 1954 а, с. 3.

[17] «Роҷеъ ба вазъияти кунунӣ», 1826, с. 176–177; 1826, с. 130–131. Чунин хусусияти муносибатҳои байни амир Ҳайдар ва ҳокими Ҳисорро Миризатулло ҳанӯз дар соли 1813 қайд карда буд – ниг.: Соколов Ю.А., 1957, с. 211. Дар солҳои 1815–1816 амир Ҳайдар метавонист амр кунад, ки тоифаҳои Ғузор ба чарогоҳҳои Ҳисор равон шаванд –ниг.: Абдураҳимов М.А., 1961; с. 70–103 (номаи №1 722). Доир ба таърихи Ҳисор –ниг.: Давидович Е.А. ва Мухторов А., 1969, с. 35–37.

[18] Соколов Ю.А., 1957, с. 199–200.

Аксари умаро ва ашроф нисбат ба амир Ҳайдар ҳисси норизоятӣ мепарвариданд ва бар зидди ӯ ошӯб мебардоштанд.[19] Амир Ҳайдар сиёсати падари худро дар бобати марказият додани давлат пеш бурда натавонист. Муқовимати феодалони маҳаллӣ дубора қувват гирифт. Дар натиҷаи лашкаркашиҳои сершуморе, ки ба муқобили феодалони исёнкор ва ҳамсоягони хусуматпарвар ба амал оварда мешуд, инчунин пардохти маоши беш аз ҳазор амалдор ва муллоҳои бешумор ва инъомҳои пулии ҳарсолаи аъёну ашроф эҳтиёҷи моддии давлат низ хеле зиёд мегардид. Муҳаммадяъқуб, бародари амир Ҳайдар, навиштааст, ки «дар ин вақт харҷи амир ду баробар аз дахли ӯ зиёдтар буд». Ҳар сол аҳвол торафт хатарноктар мешуд.[20] Ин буд, ки молиёт ва хироҷҳои бисёр, монанди қӯшпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, яксарӣ, чӯбпулӣ, миробона, кавсан ва ғ. дубора ҷорӣ гардида, бори гурӯҳҳои истеҳсолкунандаи мамлакатро вазнинтар намуданд. Ба замми ин, ғоратгариҳое, ки ҳангоми амалиёти ҳарбӣ ба вуқӯъ меомад, ба сари мардуми меҳнаткаш маҳрумият ва мусибатҳои зиёде оварда, ӯро боз ҳам қашшоқу бенавотар мегардонд. Дар ибтидои солҳои бистум таназзули иқтисодӣ ва харобии саросари кишвар рух дод. Афзудани ҷабру зулм ва истибдод боиси сар задани ошӯбҳои нави халқӣ гардид. Шӯриши хитой-қипчоқҳо, ки дар водии Миёнкол сар зада, аз соли 1821 то соли 1825 давом намуд, яке аз тазоҳуроти ҳамин навъ ошӯбҳои халқӣ буд (роҷеъ ба ин шӯриш поёнтар, дар қисмати «Муборизаи синфӣ» батафсил сухан ронда хоҳад шуд).

Пас аз вафоти амир Ҳайдар писараш – Насрулло (1826–1860) ба тахти аморат соҳиб гардид. Тавсифи возеҳу воқеии ин ҳукмрон ба қалами А.А.Семёнов тааллуқ дорад. Ӯ менависад, ки амир Насрулло аз болои ҷасади ду бародари худ – ворисони қонунии салтанат Ҳусайн ва Умар гузашта, ба тахт нишаст ва дар давоми як моҳи пас аз ҷулуси худ рӯзе 50–100 касро ба қатл мерасонид.

«...Ӯ бо ғаддорӣ ва хунхории фавқулода фарқ мекард ва барои ин вайро бухориён «амири қассоб» номида буданд. Давраи ҳукмронии дурударозаш бо бадкирдорӣ, қатлу куштор, хиёнат, бешарафӣ ва ҳирсу ози гӯшношунида ном баровард»[21].

Амир Насрулло бо Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Қӯқанд ва Хева муттасил ҷанг мекард. Кӯшишҳои ӯ дар бобати ба ҳайати аморати Бухоро баргардонидани вилоятҳои он сӯйи дарёи Аму, ки акнун ба тасарруфи амирони афғон даромада буданд, натиҷае набахшид.

Амир Насрулло бо мақсади инон задан ба феодалони дохилии мамлакат як қатор чораҳои ниҳоят бераҳмона пешбинӣ намуд. Ҳаким қӯшбегиро, ки дар аҳди салтанати падараш амалан ҳукмрони аморат маҳсуб меёфт, аввал аз ҳокимият дур кард ва сипас ба қатл расонид. Ҳуқуқи қӯшбегӣ маҳдуд карда шуд. Абдусамади форс, ки ба ин вазифа таъйин гардид, аз тарафи аъёну ашрофи қабилаҳои ӯзбек пуштибонӣ намедид ва тамоман ба майлу илтифоти амир вобаста буд. Умаро ва сарони сипоҳ, ки андаке норизоятӣ изҳор кунанд ва ё майли ҷудошавӣ пайдо намоянд, кушта ё худ бадарға намуда, молу

[19] Сомӣ, 1962 в, 63 а-б.
[20] Муҳаммадяъқуб, дастнавис, в. 157 б.
[21] Семёнов А.А., 1954, а. с. 3-4

мулкашон мусодира карда мешуд. Н.В.Хаников, ки соли 1841 Бухороро дида буд, навиштааст: «Раҳмонбердӣ махсуми туркман, ки аз тарафи амир ба мансаби муҳимми раис, яъне муҳофизи расму одат ва дурустии миқёси тӯл ва тарозу таъйин шуда буд, дар кори решакан кардани феодализми Бухоро ёвари нахустин гардид. Авомро бо зарби чӯб ҷазо дода, ба дуову ибодат водор мекарданд, сипоҳиёнро сар мебуриданд ва ё маҷбур менамуданд, ки гурехта ҷон ба саломат баранд; халқ ба раис нафрин мехонд; сипоҳиён ҳам фаҳмиданд, ки ба тахт киро нишондаанд, вале дигар илоҷе набуд».[22]

Дар соли 1837 амир Насрулло ислоҳоти ҳарбӣ гузаронид. То ин вақт қӯшун аз ду қисмат иборат буд: яке нукарҳо, ки бидуни муҳлат хизмат мекарданд, дигаре қарачирикҳо, ки фавҷҳои ғайримуназзами сершумореро ташкил медоданд. Ғайр аз нукарҳо шогирдпешаҳо низ буданд, ки хизмати қисми тайёрии қӯшунро адо карда, сипас ба нукарӣ гузаронида мешуданд. Вақте ки нукарҳо ба юриш мебаромаданд, шогирдпешаҳо дар гарнизон хизматро давом медоданд. Нукарҳо ҳам, дар навбати худ, ба ду қисм: мерганҳо ва найзадастон ҷудо мешуданд. Мерганҳо бо туфанг ва ё камон, найзадастон бошанд, бо найза мусаллаҳ буданд. Силоҳро ҳукумат медод. Дар қалъа захираи борут ва тир мавҷуд буд. Қисми махсусро тӯп ташкил медод, ки ба он тӯпчибошӣ фармонфармоӣ мекард. Нукарҳо ва шогирдпешаҳо таъминоти худро асосан ба тариқи мол (ғалла ва ришқа) мегирифтанд, ки аз қитъаҳои муайяни замин ба андозаи молиёти барои хазина пардохташаванда рӯёнида мешуд. Кумаки пулӣ ҳам мегирифтанд, вале хеле номураттаб. Қарачирикҳо аксар вақт бесилоҳ буданд. Дар яке аз фармонҳои амир Ҳайдар роҷеъ ба иштироки қарачирикҳо дар юриш гуфта шуда буд: «Агар силоҳ набошад, бигзор белу календ ба даст бигиранд». Чӣ неруи размоварӣ доштани чунин қӯшун ба шарҳу тафсил эҳтиёҷе надорад.

Амир Насрулло ба ташкили қисми калони ҳарбии муназзам саъй намуд. Асоси он аз асирони рус, инчунин аз форсҳо ва дигарон фароҳам омада буд. Баталиони 800-нафараи сарбозон ва қисмати 250-нафараи тӯпчиён ташкил ёфт. Либоси махсуси низомӣ ҷорӣ карда шуд. Ҳамаи сарбозон бо туфангҳое, ки аз саросари мамлакат ҷамъ карда ва ҳам махсус аз хориҷа оваронида буданд, мусаллаҳ гардиданд. Туфанги онҳо найза дошт. Силоҳи тӯпчиён аз таппонча ва шамшери русӣ иборат буд. Сарбозон дар хоначаҳои махсус барояшон сохташуда, яъне як навъ «казармаҳо» зиндагӣ карда, ҳамеша омодаи ҷанг буданд. Дар вақтҳои осоишта машқҳои ҳарбӣ гузаронида мешуданд. Сарбозон ва афсарон мунтазам мавоҷиб мегирифтанд. Амир аз ин қисми ҳарбӣ, ки қувваи асосии зарбазанандаи қӯшуни Бухоро маҳсуб меёфт, дар вақти ҷанг ба таври васеъ истифода менамуд, вале дар замони осоишта аз он метарсид.[23] Ин мустабиди хунхор ҳамеша аз ҳар кас ва аз ҳар чиз хавф мебурд ва дарвоқеъ, худаш ҳам зӯран ба ҳалокат расонда шуд. Аз баъзе ривоятҳо маълум мешавад, ки зани бо зӯр гирифтааш – духтари волии Шаҳрисабз – Кенагасхоним

---

[22] Хаников Н.В., 1843, с. 231.

[23] Муфассалан ниг.: Вяткин В.Л., 1928; Троицкая А.А., 1953. Инчунин ниг.: Галкин М.Н., 1968, с. 210–222. Роҷеъ ба қӯшуни Бухоро маълумоти пурарзише дар баёноти асирони дар қӯшуни Бухоро хизматкардаи рус, ки пеш аз рафтан аз Бухоро арз доштаанд, мавҷуд аст.

ҳангоми хоб ба гӯшаш симоб рехтааст. Амир аз дарди ҷонкоҳ бедор шуда, пеш аз марг фармудааст, ки он зан ва ҳамаи бачаҳои вайро кушта, ба чоҳ партоянд.

Пас аз фавти амир Насрулло инони салтанат ба дасти писари ягонаи ӯ – Музаффар (1860–1885) расид. Донандаи маъруфи таърихи Манғития А.А.Семёнов навиштааст: «Писар ва вориси амир Насрулло – Музаффар меҳри падарро ягон қадар эҳсос намекард ва амир Насрулло ҳеҷ намехост, ки Музаффар вориси тахти Бухоро гардад. Бинобар ин падар сидқан дар нияти куштани писараш – ин шахси мисли худи ӯ бераҳму хунхор буд, вале азбаски дигар писари оқилтаре надошт, хоҳу нохоҳ ин қасди худро ба таъхир меандохт».[24]

Дар замони ҳукмронии амир Музаффар Осиёи Миёна ба Россия ҳамроҳ карда шуд.

## Давлати хонии Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX

Таърихи хонии Хӯқанд бо вуҷуди ба андозаи фаровон мавҷуд будани манбаъҳои муътамад, мадракҳои мустанад ва хотироти сайёҳон ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ тадқиқ нашудааст.[25]

Дар асри XVIII Фарғона тавассути мавқеи ҷуғрофии худ назар ба Бухоро, Хева ва Тошканд вазъияти афзалиятноке дошт, зеро бисёр ҳодисоти харобиовар, аз ҷумла футуҳоти Нодиршоҳ то он ҷо асар накарда буд. Аз ин рӯ, аҳолии Фарғона хеле афзуда, иқтидори иқтисодии он зиёд мешуд. Ҳамин буд, ки барои таъсиси давлати мустақил замина ва имкониятҳои мусоид муҳайё гардид. Дар ин роҳ қадами нахустинро Олимхон (1800–1810)[26] гузошт. Ӯ ба мақсади баромадан аз тобеияти ашрофи ҳарбии феодалӣ дастаи махсуси низомӣ ташкил намуд, ки комилан аз тоҷикони кӯҳистон – дарвозиҳо, қаротегиниҳо ва шуғнониҳо фароҳам омада буд. Ин даста вазъияти имтиёзнокро соҳиб гардида, дастаи асосии қӯшуни аз аҳолии маҳаллии ӯзбек ташкилшуда ба шумор мерафт. Олимхон дар бобати марказонидани давлат ҷидду ҷаҳди бисёре ба харҷ дода, ҳарчанд мухолифати доираҳои бонуфузи аъёну ашроф ва рӯҳониёнро бартараф карда натавониста бошад ҳам, ба ҳар ҳол баъзе муваффақиятҳоро ноил гардид. Ӯ ҳудуди давлати хониро васеътар намуд. Чун тасарруфи Ӯротеппа барояш муяссар нашуд, қусури онро аз ҷойи дигар баровард, дар охирҳои ҳукмрониаш Тошканд ва қабилаҳои қазоқи ҳамҷавори онро ба қаламрави худ дохил кард.

Ҳамаи ин иқдомоти Олимхонро бародараш – Умархон (1810–1822) бомуваффақият идома дод. Маҳз дар аҳди салтанати ӯ сохти маъмурии давлати хонӣ комилан ташаккул ёфт. Умархон бо баҳонаи мустаҳкам кардани иқтидори табақаи ҳукмрони хонии Хӯқанд тавонист ихтиёроти бузургеро соҳиб гардад. Ҷанги бебарор барои Ӯротеппа бо аморати Бухоро давом мекард. Умархон ба

---

[24] Семёнов А.А., 1954, с. 4

[25] Таърихи сиёсии на ҳамеша дақиқ, вале пурратар – ниг.: Наливкин В.П., 1886. Аз муҳимтарин тадқиқоти нав – ниг.: Иванов П.П., 1939, 1958; Қаюмов А.А., 1961, 1961 а; Набиев Р.Н., 1961, 1966; Усенбоев К, 1961; Ромодин В.А., 1963; Мухторов А., 1964; Ҷувонмардиев А., 1965; Ҷамгарчинов Б., 1966; Плоских В.М., 1968; Троитская А., 1969.

[26] Ин сана бо маълумоти сарчашмаҳои огоҳтар бештар мутобиқат дорад, ҳарчанд аз эҳтимол дур нест, ки соли анҷоми ҳукмронии Олимхон 1809 ё 1811 бошад. Вале В.И.Наливкин (1886, с. 76–77) оғози салтанати Умархонро соли 1808 ҳисоб кардааст, ки тамоман хатост.

тарафи шимол лашкар кашида, шаҳри Туркистон ва масоҳати паҳновари даштҳои қазоқнишинро аз баҳри Арал то Ҳафтрӯд ишғол намуд. Қалъаҳои Оқмачит (ҳоло шаҳри Қизилӯрда), сипас Авлиёато (Ҷамбули ҳозира), баъдтар Пишпек (шаҳри кунунии Фрунзе) ва ғайра сохта шуданд. Ҳамин тариқа, як қисми қабилаҳои қирғизу қазоқ ҳам ба қаламрави хонии Хӯқанд дохил гардид.

Пас аз Умархон писар ва вориси ӯ – Муҳаммадалӣ (Мадалӣ) ба тахт нишаста, тақрибан бист сол (1822–1842) зимоми умури хонии Хӯқандро дар дасти худ нигоҳ дошт. Ӯ чандин дафъа ба самти ҷануби шарқӣ лашкар кашида, мулкҳои Дарвоз ва Қаротегинро зери даст намуд ва муддате чанд ҳокими Кӯлоб низ ба итоати вай сар даровард. Муҳаммадалихон дар тарафи ғарб бо Ӯротеппа ҷанг кард, ҳамчунин ба Кошғар юришҳо намуд. Дар аҳди ӯ даҳҳо ҳазор аҳолии Кошғар аз зулму ситами ҳукумати Хитой ба дод омада, ба умеди наҷот сӯйи Фарғона фирор карданд ва дар ҳамин ҷо маскан гирифтанд.

Муҳаммадалихон ба мисли ҳукмрони Бухоро амир Насрулло як марди золим ва бетараҳҳуме буд. Ӯ ягон меъёреро риоят накарда, одамони гунаҳкору бегуноҳро ба қатл мерасонид, чун ишратпарасти фосиқ умр ба сар мебурд, айшу нӯш ва кайфу сафо шуғли доимии ӯ ба шумор мерафт. Ба қавли В.П.Наливкин ин «хунхори ҷавон» соҳиби тахту тоҷ гардида, тамоми умр «фақат ба фисқу фуҷур ва қатлу куштор машғул шуд».[27] Ӯ аз пуштибонии аъёну ашроф ба куллӣ маҳрум гардид; мардум ҳамеша дар ғалаён буданд. Амири Бухоро Насрулло аз ин фурсат истифода бурда, соли 1842 Хӯқандро забт кард ва Муҳаммадалихонро бо ҳамаи аҳли хонадонаш ба қатл расонд. Аммо амир Насрулло Хӯқандро дар даст нигоҳ дошта натавонист. Дере нагузашта Хӯқанд боз истиқлолияти худро соҳиб шуд ва Хуҷанду Тошкандро ҳам дубора ба даст овард.

Ҳанӯз дар замони ҳукмронии Муҳаммадалихон, ҳеҷ набошад дар нимаи дувуми он, дар хонии Хӯқанд падидаҳои буҳрони дохилӣ ба зуҳур меомаданд. Ҳангоми ҷангҳои бешумор ва табаддулоти дарбор тоифаҳо тамом несту нобуд мешуданд. Низоъҳои байни қавмҳои муқимӣ ва бодиянишин, ки феодалон ва аъёну ашрофи қабилавӣ бармеангехтанд, истисмори бераҳмонаи аҳолии ҳам муқимӣ ва ҳам бодиянишин – ин буд хусусияти хоси ин давраи изтиробомез, ки хонии Хӯқанд то охирин лаҳзаҳои мавҷудияти худ аз он раҳоӣ ёфта натавонист.

### Нобудшавии аҳолӣ ва харобии хоҷагӣ дар натиҷаи ҷангҳои байни давлатҳои феодалӣ

Мо ҳангоми баёни воқеаҳои таърихии аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд борҳо ҷангҳои барои Ӯротеппа сарзадаро ёдоварӣ намудем.[28] Дар нимаи дувуми асри XVIII Ӯротеппа мулки калоне буд, ки ба ҳайати он, ғайр аз ҳавзаи Шаҳристону Ӯротеппа, Панҷакент, Ҷиззах, Зомин, Нов ва Хуҷанд низ дохил мешуданд. Ин мулк ба ноустувории ҳудуди худ нигоҳ накарда, аксар вақт соҳибихтиёр буд. Дар ин ҷо ҳокимони аз тоифаи юзи ӯзбек баромада ҳукмронӣ менамуданд.

---

[27] Наливкин В.П., 1886, с. 125, 144.

[28] Дар хусуси мулки Ӯротеппа ва ҷангҳои барои Ӯротеппа дар байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд баамаломада – ниг.: Мухторов А., 1957, 1964.

Аз ибтидои асри XIX ба муносибати қувват гирифтани Бухоро ва Хӯқанд мулки Ӯротеппа гӯё ки дар байни путку сандон воқеъ гардид: аморати Бухоро Ҷиззах ва давлати хонии Хӯқанд Хуҷандро ба тасарруфи худ даровtowарданд. Ҷангҳои беинтиҳо барои Ӯротеппа сар шуданд. Муҳаққиқи таърихи Ӯротеппа А.М.Мухторов ду сабаби асосии ин ҷангҳоро дуруст муайян кардааст. Сабаби аввал – аҳамияти калони стратегӣ доштани забти Ӯротеппа, ки хатҳои иртиботии ба ҳам алоқамандкунандаи ду давлат таҳти ихтиёри он қарор гирифта буданд, инчунин роли муҳимми Ӯротеппа дар иқтисодиёти ҳавзаи саргаҳи Зарафшон. Сабаби дувум вобаста ба иқтисодиёт аст: мулки сернуфузи Ӯротеппа барои хазина даромади бисёр дода метавонист, зеро он анбори ғалла буд ва аз он ҷо миқдори зиёди ғалла содир мегардид (маълум аст, ки дар соли 1870 аз Ӯротеппа ба Самарқанд 250 000 пуд ғалла бурда шуд).

То солҳои сиюми асри XIX давлати хонии Хӯқанд дар талоши Ӯротеппа саҳми бештаре гузошт. Дар сурате, ки амирони Бухоро ба Ӯротеппа даҳ маротиба юриш карданд, хонҳои Хӯқанд беш аз бист маротиба ба ин ҷониб лашкар кашиданд. Онҳо шаҳрро ишғол намуда, ҳокими онро қатл мекарданд. Аммо пас аз рафтани қӯшуни асосии онҳо аҳолии Ӯротеппа (инчунин Хуҷанд) сар бардошта, истиқлолияти худро дубора ба даст медароварданд. Сипас, боз юриши нави истилогарон сар мешуд. Солҳои 1841–1848 Ӯротеппа дар таҳти тасарруфи Бухоро қарор гирифта буд. Вале пас аз чанде боз ҷангу талош, муҳосираҳои тӯлонӣ ва танаффусҳои кӯтоҳмуддати осоишта шурӯъ мегардиданд. Дар арафаи ба Россия ҳамроҳ карда шудан мулки Ӯротеппа дар ҳайати аморати Бухоро буд.

Ҳамагӣ дар асри XIX, дар зарфи шашуним даҳсола ба Ӯротеппа тақрибан панҷоҳ бор лашкар кашида шуд, дар он ҷо бисту панҷ ҳоким иваз гардид. Дар ҳар як-яку ним сол шаҳр ва атрофи он боз ва боз ба харобазор табдил мёёфт. Дар асарҳои онвақта тасвирҳои дилхароши ваҳшоният ва кушторҳо, ки ҳодисаҳои муқаррарии ҳамарӯза гардида буданд, бисёр дучор меоянд. Дар вақти яке аз лашкаркашиҳояш ба Ӯротеппа Олимхон ба сарбозони худ амр намуд, ки шаҳрро тороҷ кунанд. Дар натиҷа, чунонки сарчашмаи хаттӣ хабар медиҳад, «ба ҷуз хоку санг ҳар он чӣ, ки ин вилояти пурбаракат дошт, рабуданд». Тамоми аҳолии Ӯротеппа, марду зан бо пойи луч ва тани урён, нолаву фиғонкунон мисли гадоён ба назди сарбозон омада, ҳоли табоҳи худро баён мекарданд ва хӯроку пӯшок металабиданд.

Сарчашмаи дигар маълумот медиҳад, ки истилогарон «мисли мӯру малах» фурӯ рехтанд ва дар шаҳру атрофи он «ғайр аз хоку санг чизе боқӣ намонд». Шоираи ӯротеппагӣ Дилшод, ки шоҳиди яке аз мавридҳои истилои қӯшуни Хӯқанд қарор гирифтани Ӯротеппа будааст, менависад, ки ишғолгарон аввал деҳаҳоро ғорат карданд, боғҳо, пулҳо ва иморатҳои беруни шаҳрро оташ заданд. Пас аз шаш рӯзи муҳосира ва ҷангҳои кӯчагӣ ғосибон ба шаҳр зада даромаданд. Сарбозон, нукарон ва муқаррабони амир хона ба хона гашта, моли мардумро талаву тороҷ мекарданд, фосиқӣ ва беномусӣ менамуданд. Дар ҳар ҷо дорҳо сохта буданд.[29] Аз субҳ то шом одамонро қатл мекарданд. Деҳаҳо тамом валангор гардида, киштзорҳо поймол ва сӯзонда мешуданд. Дар солҳои

[29] Мухторов А., 1964, с. 43–44: 1969, с. 77.

1806–1807 худи шаҳр ҳам аз тарафи сарбозони Хӯқанд оташ дода шуд. Пас аз ҳар як ҳуҷуми душман дуди оташ, қӯраи хокистар ва нолаву шеван боқӣ мемонд. Аҳолӣ гуруснагӣ мекашид ва ҳалок мешуд. Танҳо савдогарони корчаллон аксаран аз ҳодисаҳои фоҷиангез ҳам барои худ нафъ ҳосил мекарданд. Вақте ки Ӯротеппа ба дасти амирҳои Бухоро медаромад, пулҳои хӯқандӣ арзиши худро гум менамуд ва савдогарон ин пулҳои беқадрро аз аҳолӣ муфт ҷамъоварӣ карда, ба Хӯқанд мебурданд ва онҳоро бо арзиши пурра барои хариди молҳо истифода мекарданд. Ҳар гоҳ ки Ӯротеппа ба дасти хонҳои Хӯқанд мегузашт, бо пулҳои бухороӣ ҳам айнан чунин ҳодиса рух медод. Ин фиребгариву ҳуққабозиҳо азобу машаққати мардуми авомро боз ҳам афзунтар мекард.

Дар байни аморати Бухоро ва Шаҳрисабз низ муттасил ҷанг ва задухӯрдҳо ба амал меомаданд. Чунонки сайёҳ ва олими рус А.Л.Кун навиштааст, «беки Шаҳрисабз исман қисми таркибии аморати Бухоро маҳсуб ёфта, амалан қариб ҳамеша дар зери ҳукмронии ҳокимони аз қабилаи кенагас баромадаи ӯзбек ҳаёти мустақилона ба сар мебурд».[30] Қабилаҳои ӯзбеки кенагас, қунғрод ва минг, ки дар вилояти Шаҳрисабз зиндагонӣ мекарданд, пас аз ба сари ҳукумат омадани Манғития бештар ба фишор дучор гардида буданд. Аз ин сабаб, онҳо ҳамроҳи тоҷикон ва дигар мардумони ин вилоят аз итоати ҳукумати Бухоро сар тофта, ҳокимон ва сардорони қабилаҳои худро пуштибонӣ намуданд.

Чи навъе ки Аҳмади Дониш менависад, Насруллохон қаблан ҳамаи онҳоеро, ки дар «фитнаи эл ва улус» иштирок доштанд, нобуд сохт ва сипас ба лашкаркашиҳои ғоратгаронаи худ, аз ҷумла ба ҳуҷуми Шаҳрисабз камар баст.[31] Қалъаи мустаҳками шаҳрро фатҳ кардан ба қӯшуни Бухоро муяссар нагардид, бинобар ин сарбозони истилогар деҳаҳои атрофи онро ғорат ва хароб намуданд. Сайёҳи рус менависад: «Ҳар сол баҳорон ӯ (амир Насрулло– Б.Ғ.) барои нобуд кардани киштзорҳои ғалла дастаҳои савораи худро ба манзараҳои Шаҳрисабз мебаровард». Дар натиҷа гуруснагӣ сар мезад, нархи ғалла ва дигар хӯроквориҳо бағоят баланд мешуд.[32] Дар соли 1856 пас аз 32 бор ҳуҷум овардан, ниҳоят, амир Насрулло Шаҳрисабзро ба худ тобеъ намуд. Ин вилоят ба сабаби ҷангҳои пурдавом на камтар аз Ӯротеппа хароб гардид.

Муборизаи байни гурӯҳҳои мухталифи синфи ҳукмрон баҳри ба даст овардани ҳокимият дар давлати хонии Хӯқанд, лашкаркашиҳои ғоратгаронаи хонҳои Хӯқанд ба мулкҳои қазоқон[33], қирғизон[34] ва тоҷикони кӯҳистон[35] низ ба тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда зиёни ислоҳнопазир расонида, ба сари аҳолии меҳнаткаш азобу уқубатҳои фавқулода оварданд.

---

[30] Кун А.Л., 1880, с. 205.
[31] Аҳмади Дониш, 1960, с. 31, 1967, с. 38.
[32] Яворский И, Л., 1883, с. 46.
[33] Иванов П.П., 1939.
[34] Усенбоев К., 1961, с. 13–16.
[35] Искандаров Б.И., 1960, с. 49–55.

# 3. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

## Қувваҳои истеҳсолкунанда

Масоҳати аморати Бухоро 180 ҳазор километри мураббаъро ташкил мекард.[36] Маҳалҳои ин сарзамин аз ҷиҳати ҷойгиршавии аҳолӣ яксон набуданд: водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё сернуфуз ва Бухорои Шарқӣ нисбатан камнуфус ба шумор мерафтанд. Албатта, дар ин қисмати аморат водиҳое ҳам буданд, ки нуфуси хеле зиёд доштанд.

Ба сабаби набудани маълумотҳои статистикӣ муқаррар кардани миқдори саҳеҳи аҳолӣ имконпазир намегардад. Мувофиқи тахмини Е.Ф.Мейендорф (с. 1820) дар аморати Бухоро дувуним миллион кас мезистааст. Ба тахмини Н.В.Хаников (с. 1841) теъдоди аҳолии ин мамлакат ду-дувуним миллион нафар аст.[37] Мо барои охири асри XIX маълумоте (ҳамчунин тахминӣ) дар даст дорем, ки тибқи он нуфузи аморат якуним – ду миллион кас будааст.[38] Шояд миқдори аҳолии аморати Бухороро 2 миллион кас тахмин кардан дуруст бошад. Қисмати асосии аҳолӣ аз ӯзбекон ва тоҷикон (маҷмӯан 80%) иборат буда, аз паси онҳо туркманҳо (10% аҳолӣ), арабҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва дигарон ба шумор мерафтанд. Агарчи ҳудуди нисбатан бештар ва ё асосан иқомат доштани тоҷикон дар шаҳру деҳоти аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд мавҷуд буд, дар бисёр ноҳияҳо онҳо якҷоя бо ӯзбекон мезистанд, чунонки дар миёни сокинони бисёр деҳаву шаҳрҳои ӯзбекнишин тоҷикон ҳам буданд, дар аксари маҳалҳои тоҷикнишин ӯзбекон низ зиндагонӣ мекарданд.[39]

Ин ду халқи бо ҳам алоқаи хеле наздикдоштаро робитаҳои хешовандӣ, маданӣ ва иқтисодӣ муттаҳид месохтанд.

Таносуби аҳолии муқимиву бодиянишин ва шаҳру деҳотро фақат ба тахмин метавон муқаррар кард. Зоҳиран, дар ибтидои асри XIX 40% аҳолиро одамони кӯчӣ ва нимкӯчнишин ташкил медоданд,[40] аммо дар охири аср миқдори онҳо 35% гардид ва худи кӯчиҳо аз 15% бештар набуданд. Аз ин бармеояд, ки на фақат камшавии вазни нисбии ин қисмати аҳолӣ, балки тақсими нави дохилии он бо афзудани фоизи одамони нимкӯчнишин ба амал меомад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар шаҳрҳо фақат даҳяки аҳолӣ, ҳатто аз ин ҳам камтар зиндагонӣ мекарданд, яъне нуфузи деҳот назар ба шаҳр бартарии мутлақро соҳиб буд.[41]

---

[36] Галкин А., 1890, с. 191; Шубинский П., 1892, с. 380–386.

[37] Meyendorff J., 1826 ,с. 196–197; Хаников Н.В., 1843, с. 75–76.

[38] Мо ба масъалаи сукунати тоҷикон дар Афғонистон дахл намекунем. Барои солҳои сивуми асри XIX М. Элфинстон (Elphinstone M., 1839, 1, p. 403–422) манзараи хеле пурра ва муфассалро тасвир менамояд. Мувофиқи маълумоти Н.А.Кисляков тоҷикон аҳолии аслии вилоятҳои шимолӣ ва қисман марказии Афғонистон буда, аз ҷиҳати миқдор дувумин халқи ин мамлакат ба шумор мераванд –тахминан 2 миллиону 300 ҳазор кас (Кисляков Н.А., 1957, с. 149). Аз рӯйи маълумоти дигар дар Афғонистон қариб се миллион тоҷикон иқомат доранд –ниг.: Массон В, М., Ромодин В.А., 1, 1964, с. 10.

[39] Гребенкин А .Д., 1872, в. с. 54.

[40] Аз рӯйи ҳисоби Мирабдулкарими Бухорӣ дар ноҳияи Миёнкол ва Самарқанд чӣ қадар, ки муқимиҳо бошанд, ҳамон қадар кӯчиҳо буданд (Mir Abdoul Kerim Boukhary, 1876, с. 77).

[41] Барои хонии Хӯқанд ба сабаби ноустувории ҳудудаш овардани ҳатто чунин рақамҳои тахминӣ ҳам амри маҳол аст. Рақами якуним – ду миллион аҳолӣ, ки дар китоби бе зикри номи

Дар нимаи дувуми асри XVIII ва хусусан дар нимаи аввали асри XIX дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд корҳои бузурги обёрӣ анҷом дода шуданд. Муҳимтарин шабакаҳои обёрии водии Фарғона дар ҳамин вақт ба вуҷуд омаданд. Бо номи қ ӯ ш п у л ӣ андози махсус ҷорӣ гардид, ки маблағҳои ба ин восита ҷамъовардаро аввалҳо барои кандани каналҳои нав истифода мебурданд ва баъдтар барои эҳтиёҷоти дигар низ сарф мекардагӣ шуданд. Каналу ҷӯйборҳоро на фақат ҳукумат, балки феодалони калон ҳам месохтанд, ки сонитар аз ҳисоби истисмори деҳқонони дар заминҳои обӣ зироаткунанда сарвати худро меафзуданд. Ҳангоми кандан ва тоза кардани каналҳои давлатӣ мардуми гирду атрофро маҷбуран ба ҳашар ҷалб менамуданд. Таъмири иншооти гидротехникӣ низ ба ҳамин минвол анҷом мeёфт, фақат барои нигоҳ доштани дарғоти Чӯпонато баҳору тирамоҳ панҷҳазоркасӣ ба кори маҷбурӣ бурда мешуд.[42]

Дар қатори заминҳои обӣ киштзорҳои лалмӣ ҳам, ки одатан дар баландиҳо, нишебиҳо ва доманаи кӯҳҳо воқеъ мегардиданд, бисёр буданд. Дар заминҳои обӣ усули киштгардони се-панҷқитъавӣ (майдони ришқа ба киштгардон намедаромад) татбиқ карда мешуд. Олоти меҳнат хеле сода буд. Бо омоч шудгор мекарданд. Ду навъи омоч ба кор бурда мешуд: омочи калон барои шудгори мазрааҳои саҳро, ки онро барзагов мекашид ва омочи хурд барои шудгори полиз, ки онро ба хар мебастанд. Ба воситаи омоч замин чунон шудгор карда мешуд, ки барои хокгардон эҳтиёҷе намемонд.[43] Сипас, бо мола ва сихмола хоки замини шудгоршударо майда ва ҳамвор мекарданд. К а л а н д аз муҳимтарин ва қулайтарин олатҳои зироат маҳсуб меёфт ва бесабаб нест, ки то имрӯз дар Осиёи Миёна хеле васеъ ба кор бурда мешавад. Якчанд навъи бел вуҷуд дошт, вале доираи истифодаи он назар ба каланд маҳдудтар буд. Бо дос дарав мекарданд ва ин олати меҳнат ҳам чанд хел мешуд. Деҳқонони камбағалтар ҳосили даравкардаи худро дастӣ бо кӯба ё тӯхмоқи вазнин мекӯфтанд. Барои бод кардани хирман бел ё панҷшохаи чӯбиро ба кор мебурданд. Дар боғдорӣ аз каҷкорд истифода мекарданд. Дар кӯҳистон чигина ва дар водӣ хелҳои гуногуни аробаи дучарха вазифаи нақлиётро адо менамуд.

Барои пурзӯр кардани замин ба киштзор пору ва хоки теппаҳоро мепошиданд, ки дар таркиби худ бисёртар селитра дошт. Албатта, ин корро ҳам фақат заминдорони бою бадавлат карда метавонистанд. Онҳо ба ҳар гектар замини кишт аз се то шаш ҳазор пуд пору, то дувоздаҳ ҳазор пуд хок мерехтанд. Гоҳо ба ҷойи пору ахлоти куҳнаи пӯсидаро низ истифода мекарданд.

Роҷеъ ба сохт ва таркиби майдонҳои кишти заминҳои обӣ дар давраи ба Россия ҳамроҳшавӣ мадракҳои сершуморе мавҷуданд. Чунончи, дар ноҳияи

---

муаллиф барои соли 1840 оварда шудааст («Обозрение Кокандского ханства в нынешнем его состоянии», 1849, с. 191), ба мисли рақами се миллион аҳолӣ, ки тақрибан барои ҳамон вақтҳо Волф зикр намудааст (Wolf J., 1846, с. 353) ба тафтиши дақиқ эҳтиёҷ дорад.

[42] Радлов В.В., 1880, с. 12.

[43] Омоч заминро ба чуқурии 40–45 см шудгор мекард ва дар айни замон онро ковок ва нарм ҳам менамуд. Академик А.Ф.Миддендорф (1882, с. 229) чунин ақидае дошт: «Ҳангоми шудгори амиқ вай, албатта, зерхокро ҳаво медиҳад ва аз сипори гардон чунин бартарии муҳимро дорост, ки хоки замин пас аз шудгори омоч дар зери офтоби сӯзон он қадар сахт хушк намешавад».

Хуҷанд 60% заминро киштзори ғалла (аз он нисфаш гандум, баъд ҷуворӣ ва шолӣ, камтар ҷав ва арзан) ташкил менамуд. Тақрибан 14% майдон аз боғу токзор иборат буд. Пахтаи ҷойдорӣ 11,5%, ришқа 6,4%, обчакорӣ 4,6% майдонро ишғол менамуд. Умуман, чунин тақсими зироат аксаран хоси водиҳост, аммо бояд таъкид кард, ки дар ин бобат байни ноҳияҳои ҷудогона тафриқаҳои калон вуҷуд доштанд. Дар маҳалҳои ба шаҳр наздик бештар боғдорӣ ва обчакорӣ равнақ меёфт. Дар боғҳо ангур, себ, нок, анор, зардолу, бодом, анҷир, тут ва ғайра парварида мешуданд, ки бо навъҳои олии худ шуҳрат пайдо карда буданд.[44] Дар баъзе ноҳияҳо мавқеи асосиро зироатҳои саноатӣ ишғол менамуданд, ки муҳимтарини онҳо пахта, тамоку, зағирпоя ва растаниҳои рангӣ буданд.

Дар асарҳои тадқиқии таърихшиносӣ аксар вақт таъкид мешавад, ки техникаи хоҷагии қишлоқ хеле сода ва ибтидоӣ буд. Бешак, ин дуруст аст. Аммо дар ин маврид набояд ба кӯтоҳназарӣ роҳ дод ва ин баҳоро умуман ба хоҷагии кишлоқ раво донист. Мутолиаи дақиқи мадракҳо нишон медиҳад, ки таҷриба ва малакаи дар зарфи ҳазорон сол ҳосилшуда бар абас нарафтааст. Дар Осиёи Миёна тарзҳои ниҳоят оқилонаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар ҳамон дараҷаи тараққиёти техникаи хоҷагии қишлоқ ва муносибати обу замин ба вуҷуд омада, дар амал ҷорӣ гардида буданд. Усули зироати обии ба шароити хоку иқлими ноҳияҳои гуногун мувофиқ, ки дар он бисёр омилҳо аз пешбинии халқии обу ҳавои сол сар карда, то савияи боздошти обиеризаминӣ ба назар гирифта мешуданд, таҳия гардида буд. Деҳқон меҳнати хеле зиёде сарф намуда, заминро барои зироат омода месохт. Барои равшантар гардидани ин матлаб ба тариқи мисол дар парвариши пахта таваққуф мекунем: Пахта дар замине кишт карда мешуд, ки пештар дар он ҷо ғалла, хусусан ҷойҷуворӣ ва ҳамчунин зироати лӯбиёӣ парвариш ёфта бошад. Пас аз ҷамъоварии зироати пешина заминро шудгор карда, то охирҳои тирамоҳ дам медоданд, ё худ чунонки мегӯянд «офтоб мехӯронданд». Сонӣ, яхоб медоданд, ки ин усул то ҳол маъмул аст. Мақсад аз ин дар вақти фаровонии об пешакӣ заминро бо об сер кардан буд. Дар аввали баҳор пору пошида, дафъаи якум шудгор мекарданд, аз паси он об мемонданд. Баъди даҳ рӯз дувумбора аз қаду бар такроран шудгор карда, бо каланд хокро нарм менамуданд. Сонӣ, мола мекарданд. Пунбадонаро 4–5 рӯз дар дегҳои калон тар карда монда, баъд ба замин мепошиданд ва бо мола ба рӯяш хок мекашиданд, ё худ аксар вақт ҷӯякҳо сохта пунбадонаро ба пуштаҳои он мешинонданд. Дар ҳавои гарм пас аз 10 рӯз он аз зери хок неш зада мебаромад. Баъди 10 рӯзи дигар киштзорро каланд мекарданд. Пас аз чанд вақт деҳқони пахтакор заминро дафъаи дувум каланд мекард, вале ин бор андаке чуқуртар. Баъд чеканка мекарданд.

Киштзори пахтаро хишова карда, аз алафҳои бегона тоза менамуданд ва сафолакҳои дар натиҷаи обёрӣ ба вуҷудомадаро бо каланд нарм мегардонданд. Аз рӯйи ҳисоби як мутахассиси пуртаҷриба тақрибан чил амали заҳматталабро анҷом додан лозим меомад, то ба чидани пахта шурӯъ намоянд.

А.Ф.Миддендорф дар бораи деҳқонони Фарғона навишта буд: «Қобилияти корӣ ва ҳунари бузурги бо меҳнати сахт ба худ мутеъ сохтани табиат ва ба

---

[44] Муфассалан ниг.: Хаников Н.В., 1843, с. 121–123, 129–130, 137–139; Ефремов Ф., 1950, с. 26.

воҳаҳои биҳиштосо табдил намудани биёбонҳои ҳомун дар ин мардум бурдбории махсусеро парваридааст...».[45]

Дар овони бачагӣ ва ҷавонӣ ман бо рафиқони ҳамсолам дар ин корҳо иштирок доштам. На фақат парвариши пахта, балки дарави дастии ғалла ва бисёр корҳои дигари зироат хеле душвор ва пурмашаққат буд. Ҷавонони рустоии имрӯзаи тоҷик ва ӯзбек ягон қадар тасаввуре надоранд, ки бобоёнашон як луқма нони худро бо чӣ миқдор арақи ҷабин ба даст меоварданд. Дар айни замон, дар миёни ҳамқишлоқиёни ман устодони моҳири хоҷагии қишлоқ, агрономҳои модарзоди таҷрибаи садҳо наслҳоро азхудкарда низ буданд. Онҳо аз хурдтарин нишона ва аломате метавонистанд обу ҳавои соли ояндаро пешгӯӣ кунанд ва медонистанд, ки барои кишт, обмонӣ ва дигар корҳои зироат кадом вақт беҳтар ва мувофиқтар аст. Дар байни онҳо боғбонони гулдаст ҳам буданд, ки усулҳои гуногуни пайванд ва парвариши олитарин навъҳои дарахтони меваро медонистанд. Бояд гуфт, ки боғдорӣ ҳам шуғли осон набуд. Масалан, ба анор дар як сол аз 6 то 10 бор об додан лозим меомад. Дар ноҳияҳои кӯҳистон канал сохтан душвор буд, муддати кӯтоҳи расиши растанӣ ва замини санглох корро боз ҳам мураккабтар менамуд. Яке аз сайёҳони рус дар ҳайрат афтода буд, ки мардуми кӯҳистон аз майдонҳои худ бемуҳобот миллионҳо адад санг ҷамъ мекарданд.

Дар баробари мавҷуд будани анъанаи ғании зироаткории Осиёи Миёна набояд аз он чашм пӯшид, ки дониши илмии ҳозиразамон, аз ҷумла, илми агрохимия ба ин сарзамин роҳ намеёфт, техникаи хоҷагии қишлоқ ба дараҷаи ибтидоӣ буд ва истифодаи обу замин бо усулҳои аз даҳан мондаи феодалӣ сурат мегирифт. Бинобар ин, ба меҳнати хеле зиёд ва маҳорати деҳқонон нигоҳ накарда, самараи хоҷагии қишлоқ ночиз буд.

Чорводорӣ тақрибан дар тамоми вилоятҳои аморати Бухоро тараққӣ мекард. Вай хусусияти возеҳи экстенсивӣ дошт. Мардуми водинишин аз чорводорӣ дида бештар ба зироаткорӣ машғул буданд. Ба истиснои одамони давлатманд, ҳар як хоҷагӣ 1–2 сар чорво дошт, он ҳам аксаран аз гову барзагов ва хеле кам аз бузу гӯсфанд иборат буд. Дар хоҷагии тоҷикони кӯҳистон ва Помир чорводорӣ мавқеи дараҷаи аввалро ишғол менамуд ва аз ҷиҳати аҳамияти худ бо зироаткорӣ, ки бо он робитаи узвӣ дошт, комилан ҳамвазн буд: бе пору ҳосил хеле кам мерӯид, бе чорво корҳои хоҷагии кишлоқ анҷом намеёфт, вай ба мардум хӯрок ва пӯшок муҳайё мекард. Аз ин ҷиҳат ҳам гов дар ҷойи аввал меистод ва гӯсфанду буз мутобиқан ҷойҳои дувум ва севумро ишғол менамуд. Чун дар фасли зимистони дурударози кӯҳистон омода сохтани хӯроки чорво ба сари ҳар охур бо душвориҳои зиёде муяссар мегардид, миқдори рамаҳо маҳдуд буд.

Чорводории тоифаҳои нимкӯчнишин ва алалхусус кӯчӣ хусусияти дигар дошт. Рамаҳо ва ҳамроҳи онҳо аҳолӣ, ё худ як қисми он, гоҳо фақат чӯпонҳо аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигар мегузаштанд. Давраи дар чарогоҳ нигоҳ доштани чорво хеле мураккаб ва тӯлонӣ буд. Чаронидани рама маҳорати калон, донистани чорво ва чарогоҳ ҷасорат ва мардонагиро талаб мекард. Бесабаб нест, ки дар бораи туркҳои қарлуқ ҳамчун гӯсфандпарварони моҳири шуҳратёфта дар байни халқ мегуфтанд: «Қарлуқ забони гӯсфандро медонад» ё

[45] Миддендорф А, Ф., 1882, с. 402.

ки «Қарлуқ модари гӯсфанд аст». Қунғродҳо дар шутурпарварӣ ва лақайҳо дар аспарварӣ машҳур буданд. Қирғизҳоро басазо чорводорони мумтоз медонистанд. Аммо миқдори чорвои онҳо бисёр набуд. Ҳар як хонадони қирғизҳои ҷанубӣ ба ҳисоби миёна 1,8 сарӣ гов, 3,1 сарӣ асп ва 12,8 сарӣ гӯсфанд дошт. Чорвои қисми асосии аҳолӣ амалан аз ин ҳам камтар буд, зеро давлатмандон чандин ҳазорсарӣ чорворо соҳибӣ мекарданд (масалан, дар байни қарлуқҳо касоне буданд, ки ҳар яке 20–25 ҳазор сар гӯсфанд дошт). Миқдори гову гӯсфанди чорводорони камбағал ба дараҷае кам буд, ки барои то охири сол таъмин кардани хӯроки хонаводаашон намерасид. Ҷут, яъне дар натиҷаи ях бастани чарогоҳ ва аз ҳад зиёд боридани барф саросар талаф шудани чорво, боз як балои даҳшатангезе буд.[46]

Аҳолии шаҳр дар баробари касбу ҳунар ва тиҷорат ба заминкорӣ ҳам машғул мешуд. В.В.Радлов дар бораи Самарқанд аз рӯйи таассуроти соли 1868 ҳатто навишта буд: «Самарқандиҳо ба саноат кам шуғл доранд, дар ин ҷо ҳамагӣ чанд фабрикаи бофандагӣ ҳасту халос, машғулияти асосии аҳолӣ боғдорӣ, истеҳсоли абрешим ва пахта аст»[47]. Дар навбати худ дар деҳот истеҳсолоти ҳунармандӣ тараққӣ карда буд. Чунончи, Т.С.Бурнашев соли 1795 хабар дода буд, ки аҳолии деҳоти Бухоро «мисли шаҳриён» ба касби бофандагӣ машғуланд ва онҳо низ на дар бинои махсус, балки дар хонаи худ кор мекунанд. Андаке пештар соли 1781 М.Бекчурин навишта буд, ки дар Бухоро «...фабрикаҳои номӣ вуҷуд надоранд, фақат фабрикаҳои хурди матоъҳои абрешим ва пахтагии одамони соҳибихтиёр мавҷуданд, аксаран дар хонаҳои худ читу хомсуф мебофтаанд...»[48].

Мувофиқи ахбори сайёҳон, касбу ҳунари деҳот ба дараҷаи кофӣ ривоҷ ёфта буд.[49] Аммо дараҷаи тараққиёт ва такомулоти техникии касбу ҳунари шаҳр баландтар буд.

Сайёҳони асри XIX аксар вақт савияи пасти инкишофи истеҳсолоти ҳунармандиро таъкид кардаанд. Ин ҳолат аз он ваҷҳ рӯй додааст, ки мушоҳидони онвақта ба воқеияти Осиёи Миёна ба воситаи маншури саноати фабрикию заводии рус (ва ё Аврупои ғарбӣ) назар афкандаанд. Лекин дарвоқеъ, истеҳсолоти ҳунармандӣ, чунонки аз ахбори онҳо, санадҳо ва мадракҳои этнографӣ маълум мешавад, ба дараҷаи баланди тараққиёт расида буд. Пеш аз ҳама, Бухоро, Тошканд, Қаршӣ, Самарқанд, Шаҳрисабз, Хӯқанд, Хуҷанд ва Ӯротеппа барин шаҳрҳои калон маркази касбу ҳунар ба шумор мерафтанд.

---

[46] Вазъияти хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёнаи онвақта ҳанӯз тадқиққунандаи худро интизор аст. Бисёр мадракҳои муҳим дар ҳисоботи сайёҳон, ҳуҷҷатҳои архивии Россия ва Осиёи Миёна парокандаанд, баёноти мутахассисоне, ки пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия додаанд, ҳамчунин нашрияҳои этнографӣ дар ин бобат арзиши муҳимме доранд. Аз ҷумла, ниг.: Бродский М., 1872, 1875; Миддендорф А.Ф., 1882; Шоҳназаров А.И., 1908; Юферев В.И., 1925; Кисляков Н.А., 1947; Кармишева Б.Х., 1954; Сухарева О.А., Бекҷонова М.А., 1955; Раҳимов М.Р., 1957; Андреев М.С, Писарчик А.К., 1958; Ершов Н.Н., 1960; Усенбоев К., 1961; Таджики Каратегина и Дарвоза, вып. 1–1966, вып. II – 1970, вып. III – 1976, «Очеркҳои этнографӣ», 1969 ва бисёр асарҳои дигар.

[47] Радлов В В., с. 39; Семёнов А.А., 1960 а, с. 1001. 48.

[48] Бекчурин М.. 1916. с. 303–304.

[49] Семёнов А.А., 1960 а. с. 1002.

Аз рӯйи ҳисоби О.А.Сухарева дар Бухоро 75-90 ҳазор кас, яъне бештар аз сеяки тамоми аҳолии шаҳрнишини аморат зиндагонӣ мекард. Бар тибқи мушоҳидаи Н.В.Хаников дар соли 1841 тоҷикон «нуфуси асосии шаҳри Бухороро ташкил медоданд».[50] Мувофиқи ҳисоби тахминии Е. Мейендорф дар соли 1820 онҳо ба миқдори аз чор се ҳиссаи теъдоди умумии аҳолии пойтахти аморат буданд.[51] Ин сайёҳ асосан ба касбу ҳунар машғул шудани тоҷиконро хотирнишон карда, ба сифати корбарӣ ва ҳамчунин ба тараққиёти умумӣ, пеш аз ҳама тараққиёти мадании онҳо баҳои баланде додааст. Чунонки мегӯяд: «Тоҷикон коргар ва меҳнатдӯстанд ва ба пешаҳои гуногун қобилияти зиёде доранд: онҳо ҳам тоҷир, ҳам ҳунарманд ва ҳам деҳқонанд ҳаёти бодиянишинӣ барояшон ягон фараҳмандӣ намебахшад. Аксари онҳо хонда ва навишта метавонанд ва ба истисноӣ рӯҳониён, қисмати маданитари аҳолии Бухороро ташкил мекунанд.[52]

Истеҳсолоти ҳунармандӣ дар ҳаёти иқтисодии аморат роли муҳим мебозид. Аксари аҳолии шаҳр аз косибону ҳунармандон иборат буд. Дар Бухоро тақрибан 10-15 ҳазор пешаварон мезистанд, ки бо хонаводаи худ қариб чоряки аҳолии шаҳрро ташкил медоданд.

Касбу ҳунар ихтисосҳои зиёдеро фаро мегирифт. О.А.Сухарева, ки касбу ҳунари Бухорои асри XIX-ибтидои асри XX-ро тадқиқ карда буд, мадракҳои хеле ҷолиб ҷамъ намудааст. Ҷузъиёти масъаларо ба рисолаи ӯ ҳавола карда,[53] фақат тақсиму гурӯҳбандиҳои зеринро хотирнишон менамоем. Қариб сад пешаи ҷудогона вуҷуд дошт, ки дар соҳаҳои зерин гирд омада будааст: 1) сохту пардохти филизот; 2) коркарди лиф; 3) бинокорӣ; 4) даббоғӣ; 5) либосдӯзӣ; 6) таббохӣ; 7) дигар касбу кор ва машғулиятҳои тайёр кардани ашёи рӯзгор. Ҳар як соҳа дар навбати худ ба бисёр гурӯҳу навъҳои касб ҷудо мешуд. Чунончи, сохту пардохти филизот ба панҷ гурӯҳ тақсим гардида буд: 1) оҳангарӣ; 2) дегрезӣ; 3) мисгарӣ; 4) рехтагарӣ; 5) заргарӣ.

Дар айни замон, худи як гурӯҳи оҳангарӣ чунин пешаваронро дар бар мегирифт: а) челонгар; б) наългар; в) қуфлсоз; г) кордгар; ғ) сӯзангар; д) мехчагар.

Ин қабил тақсиму гурӯҳбандиҳои зиёде дар дигар соҳаҳои касбу ҳунар низ вуҷуд дошт.

Мадракҳои архивӣ ва этнографии роҷеъ ба касбу ҳунарҳои мардуми Хуҷанд ва Ӯротеппаи асри XIX – ибтидои асри XX мавриди мутолиа ва баррасии мутахассисон қарор гирифтаанд.[54] Аз ҳамроҳ шудан ба Россия дере нагузашта аҳолии шаҳри Хуҷанд ба 20 ҳазор нафар наздик расид. Пешаварон бо хонаводаҳои худ қисми муҳимми аҳолии шаҳр, зоҳиран, чунонки дар шаҳри Бухоро мушоҳида мешуд, тахминан чоряки аҳолии шаҳрро ташкил мекарданд. Зиёда аз 100 навъи истеҳсолоти ҳунармандӣ вуҷуд дошт. Аз он байн касби бофандагӣ равнақи бештаре пайдо карда буд. Хуҷанд дар қатори

---

[50] Хаников Н.В., 1843, с. 55. Роҷеъ ба роҳи мураккаби ташаккулро паймудани аҳолии Бухоро ва дар он иштирок доштани ӯзбекон ниг.: Сухарева О.А.,1958, с. 74 ва давомаш, 1966, с. 113 ва давомаш.

[51] Мейендорф Е.Ф., 1975, с. 95.

[52] Ҳамон ҷо, с. 105.

[53] Сухарева А., 1958; 1962; 1966.

[54] Турсунов Н., 1967; Мухторов А., 1964; 1975.

Бухоро ва Хӯқанд яке аз муҳимтарин марказҳои истеҳсолоти бофандагии Осиёи Миёна ҳисоб меёфт.[55] Ин хусусияти иқтисодиёти Хуҷанд хеле барвақт ба зуҳур омада буд. Ба ҳар ҳол дар мақолаи беимзои «Роҷеъ ба вазъияти кунунии баъзе вилоят ва шаҳрҳои Осиёи Миёна» (с. 1826) гуфта мешавад, ки «аҳолии Хӯқанд ва Хуҷанд» ба Россия (ба Петропавловск) бисёр пахта, абрешим, маҳсулот ва матоъҳои абрешимӣ ва пахтагӣ, аз ҷумла, ҷома меоранд.[56] Кулолӣ дар истеҳсолоти ҳунармандии Хуҷанд назар ба Бухоро мавқеи муҳимтаре дошт.

Дар шаҳри Ӯротеппа аз 1041 дӯкони косибон 187-тоаш дар деҳаҳои калон воқеъ гардида, ҳамаи боқимондааш дар шаҳр ҷой гирифта буд. Ин шаҳр бо истеҳсоли лавозимоти пашмӣ, корд ва устура (поку) шуҳрат пайдо карда, маснуоти он на фақат эҳтиёҷоти дохилиро қонеъ мегардонид, балки ба берун ҳам содир карда мешуд.[57].

Дар Тошканд, ки аз ҷиҳати нуфус ба Бухоро наздик мешуд, машғулияти асосии аҳолӣ аз зироат ва тиҷорат иборат буд. Вазни нисбии касбу ҳунар назар ба Бухоро камтар буд, вале ба ҳар ҳол маҳсулоти гуногун таҳия мегардид. Беш аз ҳама касби бофандагӣ ва истеҳсолоти чӯянрезӣ ривоҷ дошт.[58]

Таҷҳизоти техникии истеҳсолоти ҳунармандӣ нисбатан паст ва ниҳоятдараҷа кuҳнаву анъанавӣ буд. Касодии техника ҷиҳатҳои хоси тарзи истеҳсолоти феодалист. Чунонки В.И.Ленин ишора карда буд: «Қонуни усулҳои истеҳсолоти пеш аз капитализм ба андозаи пештара, дар асоси пештара такрор кардани протсесси истеҳсолот аст...» хоҷагии натуралии деҳқонон, истеҳсолоти касбии саноатчиён аз ҳамин қабил аст.[59]

Истеҳсолоти бофандагӣ бештар тараққӣ карда буд ва дар он ҷо як дараҷа механиконии меҳнат (чархи поякӣ, дастгоҳи бофандагӣ) ба кор бурда мешуд.[60] Бесабаб нест, ки маҳз истеҳсоли матоъ соҳаи асосии саноати феодалӣ гардид, ки бо бозоргирии маҳсулот ва баъдтар бо вусъати ҳаҷми коргоҳҳои худ тафовут мекард.[61] Ҳунармандони Осиёи Миёна дар тайёр кардани маснуоти заргарӣ, кулолӣ, ҳаккокӣ ва ғайра маҳорати комил пайдо карда буданд.

Маводди хомро барои истеҳсолоти ҳунармандӣ аз хоҷагии қишлоқ ва ҳам аз истихроҷи маъдан ба даст меоварданд. Мушоҳидони рус аксар вақт ба вазъи истихроҷи маъдан тамоман баҳои манфӣ медоданд (Е.Ф.Мейендорф, Хорунжий Н.И.Потанин, П.И.Неболсин ва диг.). Бисёр филизот, аз ҷумла, оҳан, тилло, нуқра ва ғ. дар ҳақиқат аз Россия кашонда мешуд. Бо вуҷуди ин, дар Осиёи Миёна истихроҷи маъдан кам набуд, вале ба сабаби ҳанӯз дар ҳолати ибтидоӣ воқеъ гардидани тариқи истихроҷ ва хеле афзун будани талабот эҳтиёҷи кишварро тамоман рафъ карда наметавонист. Миқдори зиёди тилло дар Бухорои Шарқӣ бо усули заршӯӣ ҳосил карда мешуд.[62] Дар кӯҳҳои

---

[55] Пашино П.И., 1868, с. 139.
[56] «Роҷеъ ба вазъияти кунунӣ», 1826, с. 177–178.
[57] Мухторов А., 1964, с. 72, 75.
[58] Маев Н., 1876; Хорошхин А.П., 1876; Гейнс А.К., 1898; Добромислов А.И., 1911; Озодаев Ф., 1959; Ҳоҷиев Э., 1960; Набиев Р.Н., 1966.
[59] Ленин В.И., Асарҳо, ҷ. 3, с. 58
[60] Петровский Н.Ф., 1874; Бродовский М.И., 1875, с. 15–17; .29–31
[61] Сухарева О.А., 1962, с. 142.
[62] Ниг.: масалан, Краткое описание., 1823, с. 7–8.

Ҳисор, Помир (дар Ванҷ) ва дигар маҳалҳо маъдани оҳан, дар Кӯҳи Танг, кӯҳсори Фарғона ва Варзоб сурб (қӯрғошим) истихроҷ мекарданд. Дар Фарғона ҳамчунин кони нуқра мавҷуд буд. Дар ҳама ҷо намак ҳосил карда мешуд, онро ҳам ба шакли дурда (масалан, дар ноҳияи Қамишқӯрғон, ноҳияи ҳозираи Ашт, дар ҷануби Тоҷикистон) ва ҳам ба шакли намаксанг (конҳои машҳури намаки рангини кӯҳҳои Ғузор, намаки кӯҳи Хоҷа Муъмини наздики Кӯлоб ва ғ.) ба даст меоварданд. Барои тайёр кардани борут аз шӯра (селитра) ва гӯгирд, ки дар маҳалҳои гуногун конҳои худро доштанд, истифода бурда мешуд. Дар кӯҳистони Бадахшон ва Фарғона ҳар гуна ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо, аз қабили лаълу ёқут, фирӯза, санги лоҷувард ва амсоли инҳо ба даст оварда мешуданд.

Ҷамъбасти ҳамаи мадракҳои мавҷудаи роҷеъ ба саноати маъдан [63] пешрафти муайянеро дар истихроҷи сарвати serизаминии асри XIX мавриди тадқиқ нишон медиҳад.

Дар ин пешрафт, ғайр аз сабабҳои умумӣ, дар ҷустуҷӯи конҳо иштирок намудани муҳандисони маъданшиноси рус, ки бо даъвати ҳукмронони давлатҳои хонӣ ба Осиёи Миёна омада буданд,[64] ҳамчунин ҳамон русҳое, ки хоҳу нохоҳ дар ин сарзамин иқомат доштанд, низ роли муайяне бозид.

Тадқиқи сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки ноҳияҳои ҷудогонаи кори пурмаҳсули саноати маъдан ба ташаккул шурӯъ намуданд. Фарғона бо кӯҳҳои атрофи худ, ки конҳои тилло, нуқра, сурб, оҳан, мис, нафт, ҳамчунин намак ва сангҳои қиматбаҳо доштанд, яке аз ҳамин қабил ноҳияҳо ба шумор мерафт.[65] Дигар аз чунин ноҳияҳо дар самти муқобил, интиҳои ғарбии Осиёи Миёна ҷазираи Чилкон буд.[66]

Ҷамъиятҳои пешаварон (сехҳо) – коргоҳҳои пешаварон ба вуҷуд омада буданд. К.Маркс ва Ф.Энгелс дар «Идеологияи немис» ба ҷамъиятҳои пешаварони асри миёнаи Аврупои ғарбӣ, аз ҷумла, чунин тавсифот додаанд: «Тақсими меҳнат дар шаҳрҳо байни ҷамъиятҳои пешаварони ҷудогона ҳоло (комилан) ибтидоӣ буд, вай дар дохили худи ҷамъиятҳо ҳам байни коргарони ҷудогона тамоман гузаронида намешуд. Ҳар як коргар мебоист чанд корро бидонад, аз уҳдаи ҳар коре, ки бо асбобу абзораш кардан лозим бошад, баромада тавонад; маҳдудияти тиҷорат ва робитаи сусти байни ҳамдигарии шаҳрҳои ҷудогона, бенавоии аҳолӣ ва камии талабот ба тақсими минбаъдаи меҳнат мамониат мекарданд, бинобар ин ҳар касе, ки усто шудан мехост, мебоист касби худро ба ҳадди аъло аз худ мекард»[67].

Ин тавсифотро комилан ба Осиёи Миёна ҳам нисбат додан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки моҳияти ҷамъиятҳои пешаварони осиёимиёнагӣ, бо вуҷуди

---

[63] Иванов П.П., 1932, с. 44–75; Бубнова М.А., 1975.

[64] Свенское К., 1851, с. 149; Жуковский С.В., 1915, с. 112–113; Маслов О.В., 1955, с. 47–48; Халфин Н.А., 1974, с. 47–60 ва ғайра.

[65] Маълумотро дар ин хусус аз таҳқиқоти гуногуни роҷеъ ба хонии Хӯқанд ба даст овардан мумкин аст, ки баъзе аз онҳо дар боло зикр ёфтаанд. Ҳамчунин ниг: Богословский, 1842, с. 21. Обозрение., 1849, с. 124–125;Потанин Н.И., 1856, с. 278; Максимов, 1860, с. 74; Вревский А.Б., 1868, с.137; Краузе Ч.И., 1872 ва бисёр таълифоти дигар. Махсусан санадҳои бо кори маъдан алоқаманд аз архиви хонҳои Хӯқанд ҷолиби диққат мебошанд– ниг.: Троицкая А.Л., 1968, с. 353–354, № 2507–2522.

[66] Литвинский Б.А., 1949.

[67] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч., том. 3, с. 52.

тафовуташон аз ҷамъиятҳои Аврупои ғарбӣ, ҳамчунин хусусияти маҳдудии тахассусҳои косибону ҳунармандон амиқтар дарк карда шавад. Дар доираи ҷамъияти пешаварон чанд навъи ячейкаи ибтидоӣ вуҷуд дошт. Одитарини он ҳавзаи лифбофон буд, ки дар он мавқеи асосиро шакли ҷамоатӣ-хонаводагии ташкили истеҳсолот ишғол менамуд, аммо ҷамъият набуд. Дар дигар соҳаҳо усули дуузва (усто–шогирд) ё худ сеузваи ташкили кор (усто-халифа, усто шогирд) мавҷуд буд. Шогирд аввалҳо фақат хӯрок мегирифт, баъдтар андак музд ҳам мегирифтагӣ шуд. Аслан усули шогирдӣ яке аз тарзҳои истисмор ба шумор мерафт. Пайдоиши усули сеузва (аксаран дар истеҳсолоти бештар ривоҷёфта – бофандагӣ, кафшдӯзӣ, чӯянрезӣ) аз вусъати зиёди истеҳсолоти молӣ шаҳодат медод. Дараҷаи боз ҳам баландтари тараққиёти он аз мавҷудияти нахустин падидаҳои коргоҳи парокандаи саноатӣ ва афзоиши миқдори мардикорон низ аён мегардад. Дар давлати хонии Хӯқанд, дар арафаи ҳамроҳ шудан ба Россия, қӯрхонаи давлатӣ бо милтиқхона ва тӯпхонааш вуҷуд дошт. Устоҳои яроқсоз музд ва хӯрокворӣ (нон, гӯшт, чой ва ғайра) мегирифтанд, баъзан аз андози замин ҳам озод мешуданд[68], шояд ин яке аз шаклҳои (иловагии) музди меҳнати онҳо буд.

Дар бораи коргоҳи парокандаи саноатӣ як силсила маълумот дар даст дорем. Чунончи, П.И.Пашино (с. 1866) навишта буд, ки дар истеҳсолоти бофандагӣ, масалан, як хӯҷаин «...ба хонаводаҳои шиносаш– ба яке тоза кардани пахта, ба дигаре нахресӣ, ба севумӣ бофандагӣ, ба чорумӣ рангрезӣ ва амсоли инро тақсим карда медиҳад, ки дар ин сурат ба вай на сохтани бинои коргоҳ, на харидани дастгоҳ ва на додани музди вақти бекорнишинии коргар лозим намеояд». Ва боз: «...дар ин ҷо ҳам, мисли Россияи мо, қисмати зиёди заҳмат ба зиммаи занон ва наврасон меафтад, ки онҳо бо тоза кардани пахта, ресидани нах, ба найча печонидани ресмон ва ғайра машғуланд»[69]. Ба қавли П.И.Неболсин «агар дар Бухоро ягон чизи фабрикамонанд вуҷуд дошта бошад, пас ин муассисаҳоест, ки ба матоъ гулҳои қолабӣ мепартоянд, ҳам ба бофандагон калоба ва ҳам ба хайётаҳо барои дӯхтан ҷомаҳои буридаро тақсим карда медиҳанд».[70]

Миқдори муассисаҳои калон аз миёнаҳои асри XVIII хеле афзуд. Николай Григорйеви юнонӣ, ки муддати зиёде дар Бухоро зистааст, доир ба миёнаҳои ин аср чунин хотирнишон менамояд: «Фабрикаи мануфактурӣ фақат якест, ки моли ҳамон Раҳимбек (Раҳимбӣ –Б.F.) мебошад ва он ҳам на он қадар калон буда, шоҳиворӣ ва махмал истеҳсол мекунад...».[71]

Дар солҳои 60-уми асри XIX вазъият ба куллӣ тағйир ёфт. Гурӯҳи соҳибони давлатманди коргоҳҳои ҳунармандӣ пайдо шуданд, ки сарвати зиёдеро ба дасти худ ҷамъ намуданд. Қисмати косибони одӣ тамоман дигар

---

[68] Троицкая А.Л., 1968, с. 278–279, № 1878, 1879, 1883; с. 311–322 (№2160–2272).

[69] Пашино П.И., 1868, с. 139–140. Инчунин ниг.: Пашино П.И., 1867, с. 121.Маълумоти мушобеҳи аз ин барвақттар дар бораи давлати хонии Хӯқанд дар ҳисоботи Хорунжий Потанин Н.И. мавҷуд аст. Дар асари беимзои «Обозрение Кокандского ханства в нынешнем его состоянии» (1849), «Заводи хиштсозии хон» ва «фабрикаи коғазбарорӣ» «корхонаи мануфактурӣ» номида шудаанд. Обозрение., 1849, с. 213.

[70] Неболсин П.И., 1865, с. 36. Ҳамин тариқа, ҳақ ба ҷониби Бунаков Е.В. нест. Ӯ нодуруст таъкид мекард, ки маълумоти оид ба коргоҳҳои парокандаи 1138-саноатӣ фақат дар Пашино П.И. мавҷуд аст, ниг.: Бунаков Е.В., 1969, с. 97.

[71] Веляминов–Зернов В.В., 1853, с. 20, 71.

буд. «Коргари бофанда,– менависад А.Д.Гребенкин,– аз соатҳои 3–4 то нисфи шаб ва то намози шом нах ба нах кори худро иҷро мекунад. Рӯзе на бештар аз як соат дам мегирад».[72]

Муносибатҳои иҷтимоӣ дар истеҳсолоти ҳунармандӣ ҳамоно феодалӣ буд. Чунонки дар боло гуфта шуд, шогирд ҳамеша мавриди истисмор қарор мегирифт ва аз он ки шогирд аксар вақт писар ва ё хеши хӯҷаин буду дар хонаи вай мехӯрду мезист, ҳолаш беҳтар намешуд. Халифа ҳангоми даромадан ба кор аз хӯҷаин маблағи зиёд бунак мегирифт ва дар сурати тарк кардани кор мебоист онро баргардонад.[73] Азбаски ин дар амал аз имкон берун буд, халифа то охир побанди хӯҷаин шуда мемонд. Умуман, сармояи фоидахӯрӣ мавқеи калонро ишғол мекард. Судхӯрҳо аз ҳазор танга ҳар моҳ бист танга мегирифтанд ва дар як сол ситонидани қариб 25%, яъне 250 сӯм фоида амри табиӣ ҳисоб меёфт. Аксаран ҳаққи қарз аз ин ҳам зиёдатар мешуд.

Чи навъе ки С. Айнӣ шаҳодат медиҳад, «дар он вақтҳо дар деҳот судхӯрони заминдор ба деҳқонони камбағал ҳар сад тангаро ҳар моҳе то ба даҳ танга ба фоида мемонданд».[74] Бисёр воқеъ мешуд, ки қарздор дар вақташ ҳаққи қарз ва ё тамоми қарзро адо карда наметавонист ва судхӯр ба ивази он бо зӯр духтарони ӯро мегирифт.[75] Ин буд, ки мардум нисбат ба судхӯрон нафрат мепарвариданд.[76]

Чунонки К.Маркс хотирнишон менамояд, сармояи фоидахӯрӣ истеҳсолотро «ба ҳолати фалокатбор расонида, ба ҷойи ин ки қувваҳои истеҳсолкунандаро тараққӣ диҳад, онҳоро фалаҷ мекунад, дар айни замон шароити ночизи ҷамъиятиеро абадӣ мегардонад, ки дар он ҳосилнокии ҷамъиятии меҳнат, мисли истеҳсолоти капиталистӣ, аз ҳисоби худи меҳнат намеафзояд».[77]

Косибону ҳунармандон дар системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии давраи мавриди тадқиқи мо муқобили феодалон қарор гирифта буданд. Дар айни замон, муборизаи синфӣ дар дохили табақаи ҳунармандон ҳам давом мекард ва шаклҳои шадидтаре, аз қабили корпартоии шогирдону халифаҳоро ба худ мегирифт.

Пешаварон дар шаҳрҳо гурӯҳ-гурӯҳ ҷойгир мешуданд, чунонки аҳли ҳар касб бо ҳамкасбони худ дар як маҳалла сокин мегардид. Масалан, дар шаҳри Бухоро бофандагон ду маҳалро маскан намуда, оҳангарону челонгарон низ дар ду маҳалла ва рехтагарон дар як маҳалла ҷой гирифта буданд. Дар шаҳри Хуҷанд бофандагон дар маҳаллаҳои Раззоқ ва Сари Баланди қисми шарқии Қалъаи Нав ва оҳангарон дар се маҳал иқомат мекарданд. Пешаварони Тошканд ҳам аз рӯйи касбу ҳирфаашон маҳалли сукунати худро муқаррар карда буданд.[78]

Чи навъе ки Ф.Энгелс дар хусуси шаҳрҳои асримиёнагӣ навишта буд, «дар паси он деворҳову хандақҳо касбу ҳунари асрҳои миёна инкишоф меёфт,–

---

[72] Гребенкин А.Д., 1-872 а, с. 31.
[73] Роҷеъ ба бунак дар хоҷагии қишлоқ ҳамчун байъона ниг.: Иванов П.П., 1937, с. 38–40.
[74] Айнӣ С., 1970, с. 156–157.
[75] Айнӣ С., 1961, с. 97.
[76] Дар бораи судхӯрҳо ва мардумро ғорат кардани онҳо ҳамчунин ниг: Айнӣ С., 1960, с. 524–531.
[77] Маркс К. и Энгелс Ф., Соч., т. 25, ч. II, с. 145.
[78] Озодаев Ф., 1959, с. 24–25.

дуруст аст, ки вай бо рӯҳи сехии бюргерӣ хеле оғушта ва маҳдуд буд,– сармояҳои нахустин ҷамъ мешуданд, эҳтиёҷи бо ҳам ва дигарон харидуфурӯш кардани шаҳрҳо ба вуҷуд меомад...»[79].

## Тиҷорат

Н.В.Хаников таъкид мекунад, ки Бухоро, Самарқанд ва Қаршӣ марказҳои асосии тиҷорати аморати Бухоро маҳсуб меёфтанд.[80] Ба радифи ин марказҳо Шаҳрисабз ва дар Бухорои Шарқӣ Ҳисор ва Кӯлобро низ бояд дохил намуд. Дар давлати хонии Хӯқанд калонтарин марказҳои тиҷорат Хӯқанд, Тошканд, Марғилон, Андиҷон, Намангон, Ӯш, Ӯротеппа ба шумор мерафтанд.

Он вақт протсесси аз саноат ҷудо шудани тиҷорат ҳоло ба анҷом нарасида буд: дӯкон дар як вақт вазифаҳои ҳам фурӯшгоҳ ва ҳам коргоҳи косибонро адо мекард,[81] зеро дар Осиёи Миёна низ, монанди кишварҳои асримиёнагии Аврупо «косибону ҳунармандон он вақтҳо дар айни ҳол тоҷир ҳам буданд».[82]

Дар шаҳрҳо тиҷорат дар бозорҳои махсус сурат мегирифт. Бозор масоҳати калонеро ишғол менамуд. Бозори асосии шаҳри Тошканд, ба қавли А.П.Хорошхин «...бисёр калон ва оригиналист. Фақат дар рӯзи дарози тобистон метавон тамоми гӯшаву канори онро паймуд». Бозори Хӯқанд ҳам «...хеле калон ва покиза аст, мисли бозори Тошканд ҷо-ҷо тим дорад».[83] Бозори Ӯротеппа низ қариб тамоман пӯшида буд,[84] бозори Хуҷанд ҳам ҳамчунин. О.А.Сухарева дуруст қайд мекунад, ки «хусусияти хоси тарҳи шаҳрҳои Осиёи Миёна аз ин иборат буд, ки дар чорсӯи хиёбонҳои асосӣ марказҳои савдо воқеъ гардида, дар ин ҷо тими дарози гунбаздор сохта мешуд ва аз байни он кӯча мегузашт ва дар ду тарафи он андаруни тим дӯконҳо саф мекашиданд. Маркази савдои Самарқанд ва Шаҳрисабз ин гуна тим дошт; дар Бухоро панҷ тим мавҷуд буд, ки ин аз равнақи тиҷорати Бухоро ва ободии бозорҳои шаҳр гувоҳӣ медиҳад. Чунин иморатҳои бозорро дар Самарқанду Шаҳрисабз «чорсу», дар Бухоро «тоқ» мегӯянд».[85] Маркази шаҳри Бухороро тамоман бозорҳо ишғол карда буданд, дар майдони Регистон ва дигар майдонҳо низ дӯконҳо вуҷуд доштанд, ҳатто дар назди дарвозаҳои шаҳр ҳам бозор мавҷуд буд. Дӯконҳо на он қадар калон буда, бо ҳам зич ҷо мегирифтанд, растаҳои бозор ҳар яке ба моли муайяне тахсис ёфта буд. Илова бар ин, корвонсаройҳои бисёре буданд (дар солҳои 40-уми асри XIX миқдори онҳо ба 38 мерасид ва пасонтар боз ҳам зиёдтар гардид). Дар корвонсарой тоҷирони мусофир ва маҳаллӣ иқомат мекарданд, дар он ҷо анбор, дӯкон, устохона, саисхона ва ғайра мавҷуд буд. Як қисми корвонсаройҳо ба хонҳо тааллуқ дошт, қисми дигар моли вақф ба шумор мерафт ва қисми боқимонда аз они шахсони

---

[79] Маркс К. и Энгелс Ф., Соч., т. 21, с. 406.
[80] Хаников Н.В., 1843, с. 161.
[81] Аминов А.М., 1959, с. 50–51; Бунаков Е.В., 1960, с. 99.
[82] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч., т. 3, с. 50–51.
[83] Хорошхин А.П., 1876, с. 41, 96; Роҷеъ ба бозори Хӯқанд ва хусусиятҳои он ниг.: Федченко А.П.,1875, с. 48.
[84] Бекчурин М.С, 1871, с. 218; Мухторов А., 1964, с. 81–87.
[85] Сухарева О.А., 1966, с. 43.

ҷудогона буд.[86] Корвонсаройҳо дар ташкили тиҷорат роли хеле муҳим бозӣ мекарданд. Гуфтан кофист, ки мувофиқи маълумоти Н. В. Хаников (с. 1841) ба Бухоро ҳар сол иборат аз 12–15 ҳазор шутур корвон меомад[87] ва он ҳама борҳо, одамон, аспу аробаҳо асосан дар корвонсаройҳо ҷой мегирифтанд.

Дар миёнаи солҳои 60-ум бозори асосии шаҳри Тошканд 16 корвонсарой ва тақрибан 2400 дӯкон дошт (дар сурате, ки дар шаҳр ҳамагӣ 4584 дӯкон мавҷуд буд). Бозор тахминан сӣ растаи махсусро дар бар мегирифт[88]. Дар шаҳрҳои дигар миқдори корвонсаройҳо камтар буд. Чунончи, дар шаҳри Хӯқанд соли 1841 шаш корвонсарой вуҷуд дошт, ки «дар дутоаш сокинони шаҳр тиҷорат мекарданд ва боқимондааш хизмати корвонҳои муттасил ояндаву равандаро ба ҷо меовард».[89]

Дар солҳои 70-ум шаҳри Хуҷанд ҳамагӣ 5 корвонсарой дошт.[90] Миқдори он дар шаҳри Ӯротеппа сето буд. Дар хусуси ин корвонсаройҳои Ӯротеппа М.С.Бекчурин хотиррасон мекунад, ки ҳамаи онҳо моли шахсони ҷудогона мебошанд. Дар яке 28 дӯкон мавҷуд буда, моликияти хусусии савдогарони кӯтарафурӯши маҳаллӣ ба шумор мерафт. Ду корвонсарои дигар чун маскани тоҷирони мусофир хизмат мекарданд, зимнан, дар яке аз онҳо судхӯрони ҳиндуи сокини Ӯротеппа иқомат доштанд.[91]

Дар Самарқанде, ки нуфусаш дар асри XIX аз Бухоро ду-дувуним баробар кам буд[92], дар давраи ҳамроҳ шудан ба Россия, ки он вақт аҳолиаш тахминан ба сӣ ҳазор расид, бештар аз 2400 дӯкон (ҳамроҳи 712 дӯкони корвонсаройҳо) дошт.[93]

Дар марказҳои бузурги тиҷоративу ҳунармандӣ савдои дохилишаҳрӣ равнақ меёфт, зеро аҳолии сершумори шаҳрҳоро бо маснуоти гуногуни пешаварон таъмин кардан лозим меомад.[94] Дар айни замон, як қисми муҳимми молҳо барои рафъи эҳтиёҷоти деҳқонон ба деҳот фиристода, дар навбати худ, аз он ҷо барои истеҳсолоти ҳунармандӣ маводи хом оварда мешуд. Шаҳр бо чунин деҳкадаҳои атрофи худ ноҳияи микроиқтисодиро ташкил мекард.[95]

Дар қария ва деҳкадаҳои калон ба истилоҳ «даври бозор» вуҷуд дошт. Масалан, дар Бухоро бозори Когон рӯзи сешанбе, бозори Баҳоуддин рӯзи чоршанбе ва ғ., дар Самарқанд бозори Ҷамбой рӯзи якшанбе, бозори Меҳнат рӯзи душанбе ва ғ. барпо мегардид. Албатта, анвои молҳо ва хусусияти харидуфурӯш дар ин ҷо дигар буд. Чунонки В.В.Радлов мегӯяд: «дар ин

---

[86] Илова ба асарҳои Сухарева О.А. ниг.: Семёнов А.А., 1960, с. 1009–1010; Ремпел Л.А., 1962. с. 237–247. Миқдори корвонсаройҳо ҳама вақт тағйир меёфт, яъне меафзуд (муқоиса кунед бо маълумоте, ки барои солҳои 20-уми асри XIX мавҷуд аст).

[87] Хаников Н.В., 1843, с. 163.

[88] Тетеревников А.Н., 1867, с. 39. Мувофиқи маълумоти С.Н.Трубинков – 20 корвонсарой ва бозорҳои сарпӯшида (Материалҳо..., 1869, с. 4).

[89] Обозрение..., 1849, с. 213.

[90] Кушакевич А., 1872, с. 52.

[91] Бекчурин М.С., 1871, с. 218; Мухторов А., 1964, с. 82.

[92] Рақами барои соли 1820 овардаи Е.Ф.Мейендорф – панҷоҳ ҳазор (Megendorff J., 1826, p. 160) ба назар муболиғаомез менамояд.

[93] Костенко Л.Ф., 1871, с. 23–24.

[94] Ваҳҳобов М., 1961, с .60–61.

[95] Хаников Н.В., 1843, с. 93, 105.

бозорҳо савдо фақат эҳтиёҷи деҳқононро қонеъ мегардонад, ки онҳо маҳсули меҳнати худро мефурӯшанду чизҳои барояшон заруриро харид мекунанд».[96]

Дар қатори ин савдои дохилии шаҳру деҳот, ҳамчунин савдои нисбатан калони байни шаҳрҳо ва вилоятҳо амал мекард. Бисёр шаҳру вилоятҳо бо навъи муайяни маҳсулоти ҳунармандӣ ва молҳои фурӯшии худ шуҳрат доштанд (масалан, Ҳисор бо ханҷар ва гӯсфанд, Ӯротеппа бо корд, Хуҷанд бо адрасу шоҳӣ, Қаршӣ бо алоча ва ғайра).

Калонтарин бозорҳои вилоятӣ, умуман, маркази тиҷоратии давлатҳои хонии Осиёи Миёна ба шумор мерафтанд. Алалхусус, савдои байни аморати Бухоро, давлатҳои хонии Хӯқанд ва Хева равнақи зиёде пайдо карда буд. Моли бисёре аз кишварҳои хориҷӣ: Афғонистон, Ҳиндустон, Кошғар ва Эрон кашонда мешуд. Дар иқтисодиёти давлатҳои хонӣ мақоми махсусеро тиҷорат бо Россия ишғол менамуд (дар ин бора муфассалан дар фасли ҷудогона сухан хоҳад рафт). Маҳз шаҳрҳои калон муҳимтарин марказҳои тиҷорати байнивилоятӣ ва хориҷӣ ҳисоб мешуданд; табиӣ, ки ин тиҷорат хусусияти кӯтарафурӯшӣ дошт.

Дар савдои калони хориҷӣ ҳукмронҳо, хешу ақрабои онҳо, амалдорони олимақом, ҳамчунин савдогарони «касбӣ» ширкат менамуданд. Ҳамин савдогарони сарватманд иттиҳодияи махсуси худро доштанд. Рӯихати махсуси хонӣ буд, ки дар он номи савдогарони бадавлатро зикр мекарданд. Дар сари ин иттиҳодия корвонбошӣ меистод. Ба ин вазифа интихоб гардидани корвонбошӣ бо фармони амир тасдиқ карда мешуд. Корвонбошӣ сардори кулли савдогарони мулки Бухоро маҳсуб меёфт.

Савдогарони миёна ва хурд иттиҳодияи худро аз рӯйи раставу бозорҳо ташкил дода буданд, ки ба он оқсақол сардорӣ мекард. Аксаран аз рӯйи принсипи хонаводагӣ ширкати савдогарон таъсис карда мешуд. Савдогарони калон – мирзоҳои худро доштанд. Ҳангоми харидуфурӯш даллолу қосидҳо ва воситачиву амонатфурӯшҳо иштирок мекарданд.[97] Савдогари калон дар шаҳр нишаста, аксар вақт танҳо амалиёти тиҷоратро бо маблағ таъмин менамуд, дигар ҳамаи корҳоро ҳар гуна ходимони тиҷоратхона анҷом медоданд. Масалан, Мiралибои Хӯқандӣ дар солҳои охири мавҷудияти давлати хонии Хӯқанд ихтиёри хариди тамоми пахтаи мамлакатро ба дасти худ гирифта буд. Ин аз он сабаб барояш мумкин гардид, ки ӯ ба пули хон тиҷорат мекард.

Аз Бухоро ба Россия аксаран на худи савдогарони калон, балки хизматчиёни онҳо сафар мекарданд, ки аз 30 то 50 фоизи даромадро мебоист ба савдогар медоданд.[98] А. Гребенкин навишта буд: «Бо кори тиҷорат тавассути дигарон ҳатто муллоҳо, имомҳо, мударрисҳо, эшонҳо, қозиҳо, амлокдорҳо ва оқсаққолҳо – алқисса, ҳамаи касоне, ки як миқдор пули зиёдатӣ доштанд, машғул мешуданд»,[99]

Калонтарин савдогари Самарқанд дар ибтидои асри XIX намояндаи номдори бузургзодагони олимақоми Бухоро Муҳаммад Давлатбии иноқ буд,

---

[96] Радлов В.В., 1880, с. 18-19.
[97] Гребенкин А.Д., 1872 а, с. 26–30; Сухарева О.А., 1966, с. 236–240.
[98] Рожкова М.К., 1963, с. 38.
[99] Гребенкин А.Д., 1872 а, с. 26.

ки муддати дароз дар Самарқанд ҳукмронӣ кардааст. Вай дар соли 1810 ба вақфи фақат як худи мадрасаи Улуғбек 123 дӯкон ва ҳамчунин каппону анборҳо васият намуд.[100]

Дар сурате ки савдогарони сарватманд ва даллолони калон даромадҳои ниҳоят зиёд ба даст меоварданд, майдасавдогарон ва дӯкондорони хурдафурӯш «...ба фоидаҳои ночиз ва бисёр вақтҳо ба он бозёфте, ки барои серии худ ва хӯроки аспашон кифоят мекард, қаноат менамуданд».[101]

Харобии роҳҳо ва набудани амният чи дар роҳу чи дар шаҳр пеши тараққиёти тиҷоратро мегирифт. Дар роҳҳо аз дасти ғоратгарон ва дар шаҳрҳо аз тарафи ҳокимони ҳарис молу ҷони савдогарон ҳамеша дар хатар буд. Боҷу хироҷ ва иҷорапулӣ ҳадду андоза надошт. Ғайр аз ин, доимо хавфи мусодира таҳдид менамуд. Ба қавли Аҳмади Дониш, дар замони ҳукмронии амир Насрулло «баъзе уламои ҳақношиноси манғит ҳозираро ба назар гирифта, мулку моли фуқаро ҳамагӣ аз они подшоҳ аст, раоёро моликият ба ашёе нест, агар ҳар чиз подшоҳ аз ҳар як раия ситонида гирад, тасарруф дар мулки худ кардагӣ мебошад, заҷр ва зулм нест, гуфта фатво ҳам дода буданд».[102]

## Заминдории феодалӣ. Аҳволи оммаи халқ

Усули заминдории феодалӣ дар охири асри XVIII–нимаи аввали асри XIX, умуман ҳамон тавре ки дар замонҳои гузашта буд, боқӣ монд.[103] Вале бо вуҷуди ин, баъзе тафовутҳо дар истилоҳот ва сохти заминҳои хусусӣ ба миён омаданд, ки он ҳам дар ҳар маҳал гуногун буда, дар давоми ҳамин давраи мавриди баҳс низ ба дигаргунӣ дучор мешуданд. Ин масъала хеле мураккаб аст ва ба миқдори зиёди тадқиқот нигоҳ накарда, бисёр ҷиҳатҳои он муҳтоҷи омӯзиш мебошад.[104]

Дар ҳаёти иҷтимоии ин давр усули танхоҳ –тариқи хизматона ба шахсони ҷудогона инъом намудани қитъаи замин, як ва ё якчанд деҳ ва ҳатто вилояти тамом, ки даромади он комилан дар ихтиёри танхоҳдор буд, мавқеи муҳим дошт. Баъзан соҳиби танхоҳ ғайр аз молиёте, ки ба фоидаи худ ҷамъ мекард, музде ба маблағи муайян аз хазинаи амир низ дарёфт менамуд. Танхоҳ метавонист, на ин ки тамоми даромади солонаи замин, балки як ҳиссаи онро

[100] Файзиев А., 1970, с. 58–59.

[101] Гребенкин А.Д., 1872, с. 30.

[102] Ин фиқра дар ҳамаи нусхаҳои дастнавис мавҷуд аст, ниг.: Аҳмад Маҳдуми Дониш, 1960, с. 33–34 (тавзеҳи 4).

[103] Дар ин хусус ниг.: Брагинский И.С, Раҷабов С.А., Ромодин В.А., 1953, с. 25.

[104] Тавсифи зерин бештар ба далелҳои санаду васиқаҳо (матбӯъ ва номатбӯъ), материалҳои архив, иттилооти пештар ва баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна додаи сайёҳон ва қайдҳои этнографӣ (аз худи мо ва этнографҳо) асос ёфтааст. Дар илми советӣ ба омӯзиши ин масъала Бартолд В.В. ва хусусан Семёнов А.А. (1929, 1954 а) ибтидо гузоштанд. Ин масъала дар асарҳое, ки хусусияти ҷамъбастӣ ва умумӣ доранд, ҳамчунин дар тадқиқҳои махсус борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аз ҷумла ниг.: Абдураҳимов М.А., 1961; Баҳромов З., 1957; Искандаров Б.И., 1960, 1962; Юлдошев М.Ю., 1959; Кисляков Н.А., 1940, 1954, 1967; Мирзоев К.М., 1954; Муҳсинова К.З., 1969; Мухторов А., 1964; Плоских В.М., 1968; Раҳимов М., 1957; Сухарева О.А., Бекҷонова М.А., 1955; Троитская А.Л., 1969; Усенбоев К., 1961; Ҳамроев М., 1959; Чехович О.Д., 1961; Очеркҳои этнографӣ, 1969; Юсуфов Ш.Т., 1964 ва ғ.

ташкил намояд. Дар баъзе мавридҳо ин ба худ бидуни инъоми замин як навъ шакли нафақаи пулиро мегирифт.

Усули танхоҳ аз оғози ҳукмронии сулолаи Манғития ба таври васеъ ҷорӣ гардид. Ба қавли Ф. Ефремов (солҳои 70-уми асри XVIII) «ба оқсаққолони калон ивази мавоҷиби пулӣ ва ғалла замин дода мешавад, ки аз он мадохили бузурге ба даст медароранд».[105]

Амир Насрулло ҳамчун падари худ дар ҷойҳое, ки исёни қабилаҳои ҷудогона ва шӯриши халқҳо рӯй медод, «аксари умарои элдор ва номварро ба замин нишонид».[106] Дар яке аз фармонҳои амир Ҳайдар дар бораи таъйин кардани ҳокими вилояти Нурато ва ҳам дар хусуси он ки ӯ бояд хироҷи ҷамъоваришавандаро ба эҳтиёҷоти қӯшун сарф намояд, сухан меравад.[107] Аммо дар бораи ба хазинаи давлат супурдани қисми боқимондаи хироҷ чизе гуфта нашудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки вай ҳамчун як навъ танхоҳ ба ҳоким инъом шуда бошад.

Аксар вақт минтақаҳои на чандон калон ба тариқи танхоҳ ба шахсони гуногуни соҳибмансаб, аз он ҷумла, ба сипоҳиён инъом карда мешуданд. Миқдори танхоҳдорон дар чоряки аввали асри XIX фақат дар аморати Бухоро аз 12 то 36 ҳазор нафар ба шумор мерафт. Агар танхоҳдор ба ҷойи дигар кӯчад, танхоҳи нав дода мешуд. Ҳаҷми танхоҳ ба рутбаи шахс алоқаманд буд: соҳибони рутбаи поинтари ҳарбӣ аз 3 то 5 гектар замин мегирифтанд, аммо шахсони олирутба, аз қабили саркардаҳо як деҳаи тамомро бо садҳо гектар замин, осиёб ва дигар дороиҳояш ба даст медароварданд.[108] Агар писар мансаби падарро ишғол намояд, ба танхоҳи ӯ низ соҳиб мешуд. Гоҳо пас аз марги танхоҳдор замини инъомии ӯ ба ворисони бепарастормондааш низ тақдим мегардид. Аз баъзе санадҳо бармеояд, ки он вақтҳо тамоюли меросӣ гардонидани усули танхоҳ вуҷуд доштааст.

Дар мулкҳои кӯҳистонии Бухорои Шарқӣ танхоҳ дорои хусусиятҳои ба худ хосе буд. Дар ин ҷо на замин, балки хоҷагиҳои деҳқонӣ ба танхоҳ дода мешуд. Шахсони поинрутба чанд хоҷагиро, вале бӣ, додхо ва соири амалдорони баландрутба ҳар яке чанд деҳаро бо садҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ ба сифати «танхоҳ» инъом мегирифтанд. Онҳо ҳар сол ба ҳиссаи маълуми ҳосилоти деҳқонӣ соҳиб гардида, дар айни замон, аҳолии деҳаҳои зердасти худро ба корҳои хоҷагии шахсии худ низ ҷалб менамуданд ва ба ҳар роҳе, ки метавонистанд, истисмор мекарданд. Аз ин сабаб ба танхоҳӣ гузаштани хоҷагиашон ба деҳқонон ниҳоятдараҷа рӯзҳои сахтеро пеш меовард.

Таассуби динӣ, ки аз замони ҳукмронии Шоҳмурод сар карда, хеле қувват гирифта буд, ба вусъат ёфтани заминҳои вақф роҳ кушод. Дар заминҳои вақф кор кардан низ барои деҳқонон пурмашаққат буд. Зеро онҳо дар заминҳои вақф тамоми сол аз субҳ то шом кор карда, танҳо аз чор ва ё аз панҷ як ҳиссаи ҳосилотро мегирифтанд ва бештар ба мутавалliҳо вобаста шуда, озодии худро аз даст медоданд. Ба таври васеъ ҷорӣ гардидани усули танхоҳ ва ба фоидаи танхоҳдор ҷамъоварӣ шудани молиёт, ҳамчунин вусъат ёфтани заминҳои вақф ба даромади хазинаи давлати хонӣ таъсир накарда

[105] Ефремов Ф., 1950, с. 18, 27.
[106]Аҳмади Дониш, 1967, с. 39.
[107] Ин ҳуҷҷат дар китоби Абдураҳимов М.А., 1961, с.100, (ҳуҷҷати 690) оварда шудааст.
[108] Ҳуҷҷатҳо, 1954, с. 209-217. Инчунин ниг.: Вяткин В.Л., 1928, с. 17.

наметавонист. Ин буд, ки амир Насрулло усули ярғу – мусодираро ба роҳ андохт.[109]

Дар Бухоро ҳаҷм ва миқдори андозҳо торафт меафзуд. Дар аҳди амир Музаффар (1860–1885) кор ба дараҷае расид, ки на фақат аз замини зироат, балки аз замини нокорам низ хироҷ меситониданд ва дар ин маврид чунин баҳонаеро пеш меоварданд, ки гӯё ки ин замин ба сабаби камҳавсалагии деҳқон нокишта мондааст.[110]

Аз боғу токзор, кишти юнучқа, полиз ва обчакорӣ андозе ба номи «танобона» ситонида мешуд. Дар ибтидои асри XIX амирони Бухоро ба ҳар таноб замин маблағе муқаррар намуда, хостанд ин навъ андозро ба хироҷи расмии замин табдил диҳанд. Дар номаи амир Ҳайдар соли 1807–1808 чунин гуфта шудааст: «...аз ҳар таноб ба маблағи як тилло танобона гиред. Агар (соҳиби он) ба додани як тилло розӣ нашавад, он гоҳ ба тариқи мол сеяки ҳосилро ситонед[111]. Соли 1860 дар вилояти Самарқанд тақрибан сеяки хироҷ бо пул пардохта шуд.[112] Дар хонии Хӯқанд дар миёна ва нимаи дувуми аср танобона қариб тамоман ба шакли пул рӯёнда мешуд, ки ба ин ваҷҳ онро «танобпулӣ» мегуфтанд. Дар ин ҷо аз токзор назар ба обчакорӣ дувуним баробар зиёдтар андоз ситонда мешуд.

Дар маҳалҳои гуногуни аморати Бухоро ҳаҷми хироҷ як хел набуд. Баъзан вай ҳаҷми муайянеро дошт: масалан, аз ҳар таноб замини кишт як тангаву севуним килограммро ташкил мекард. Дар мавриди дигар як танга дар баҳор ва дар тирамоҳ як тангаву 6,5–7 кг ғалла ситонда мешуд. Тарзи дигари пардохтани танобона ҳиссаи ҳосилот ба шумор мерафт: чунончи, 2/5, 1/3, 1/5, 1/6, 1/8 қисмати ҳосилро хироҷ ташкил менамуд. Вале ҳокимон аксаран ҳаҷми хироҷро то нисфи ҳосил мерасониданд. Масалан, дар солҳои 1842–1843 хироҷи замин дар давлати хонии Хӯқанд, ки одатан ба ҳаҷми сеяки ҳосил рӯёнда мешуд, то нисфи ҳосил афзун гардид. Яке аз ҳокимони Тошканд андози заминҳои зироатро 2,5 баробар ва дар баъзе маҳалҳо 3–4 баробар зиёд кард. Дар ҳудуди асрҳои XIX ва XX тамоюли то 40% ҳосил афзудани ҳаҷми хироҷ дар аморати Бухоро низ мушоҳида мешавад »[113]

Рӯидани ҳосили фаровон боиси хушнудии деҳқон намегардид, зеро дар натиҷаи ин ҳаҷми андоз ҳам меафзуд: масалан, аз даҳ ботман ҳосили гандум деҳқон мебоист чор ботманашро ва аз ҷав ҳатто панҷ ботманашро ба хироҷ диҳад. Соҳиби замин пас аз даравидани ҳосил ғалларо кӯфта, ба хирман мерехт. Ҷамъкунандагони хироҷ ба сари хирман омада, як қисми ғалларо барои имоми масҷиди маҳалла ҷудо мекарданд. Агар хироҷ аз панҷ як ҳиссаи ҳосилро ташкил диҳад, бақияи ғалларо ба панҷ ҳисса тақсим карда, аз ҳиссаи деҳқон (ё заминдор) миқдори муайянро барои саркор, мироб, оқсаққол ва мирзо мегузоштанд. Мабодо деҳқон то омадани ҷамъкунандагони хироҷ ба

---

109 Айнӣ С., 1966, с. 40
110 Аҳмади Дониш, 1967, с. 87.
111 Абдураҳимов М.А., 1961, с. 45, 95 (ҳуҷҷати 483). Ҳамчунин барои солҳои 20-ум низ сабт гардидааст - ниг.: Краткое описание, 1823, с. 7. Аз рӯйи гуфтаҳои Радлов В. В, ки ҳамроҳи қӯшунҳои рус будааст, дар вақти истилои ҳукумати подшоҳӣ танобонаро фақат ба шакли пул меситонидаанд (Радлов В.В., 880, с. 92).
112 Бунаков Е.В., 1960, с. 98.
113 Ниг.: Айнӣ С., 1960, с. 182; инчунин Чехович О.Д., 1961; Мӯҳсинова К.З., 1969.

хирман даст расонида бошад, тамоми ҳосилро мусодира карда, худи деҳқонро сахт ҷазо медоданд. Аксар вақт ҷамъоварии хироҷро ба ягон шахс ба орият мефурӯхтанд ва он шахс аз деҳқон маблағи боз ҳам зиёдтареро «фишурда» мегирифт[114].

Дар аморати Бухоро вақти даравро на ин ки худи деҳқон, балки амлокдор (қаламрави бекҳо ба амлокҳо тақсим мешуд) муқаррар менамуд – вай дар ҳама ҷо дар як вақт шурӯъ мегардид. Ба пухта рехтани донаҳои гандум касе парво надошт. Агар дарав баробар дар як вақт сар шавад, ба ҳифзи ҳосил назорат кардан барои амлокдор осонтар буд. Бандҳои гандумпояро дар майдони дарав ғарам карда мемонданд. Амлокдор ба воситаи ходимонаш – доруғаҳо хурдагирона назорат мекард, то ки деҳқон ягон мушт ғалларо ба хонааш набарад.

Доруға баъди аз назар гузаронидани ғарамҳо барои кӯфтан иҷозат медод. Ғаллаи кӯфта ва боддодашуда «нишон зада мешуд»: «таки хирман ва чанд ҷойи болои онро аз паҳлуҳояш гил мемолиданд ва доруға дар нӯки он бо аломатҳои худ як пора кулӯх мегузошт. Ғалла муддати дароз дар хирмангоҳ мехобид, деҳқонҳо гуруснагӣ мекашиданд, аммо дар ҳамин вақт амлоқдор ва муқаррабонаш ҳосили замини худро бо нархҳои хеле гарон ба фурӯш мерасониданд. Ниҳоят, пас аз гирифтани пешкаш, амлокдор бо аҳли рикобаш ба сари хирман меомад. Миқдори ғалларо бо тахмини худ ошкоран аз будаш зиёд муайян мекард ва хироҷро ҳам ба қиёси тахмини амлокдор муқаррар менамуданд. Гоҳо чунин ҳодиса ҳам рӯй медод, ки деҳқон ва ё оқсаққол ба тахминан аз будаш зиёд муайян кардани ҳосил муқобилат мекарданд. Он гоҳ эътирозкунандагонро мезаданд ва ҳатто ба зиндон мепартофтанд. Амлокдор ҳосили замини касони соҳибнуфуз ва сарватмандро ба ивази ришва аз будаш хеле кам нишон медод. Албатта, ҳам дар аморати Бухоро ва ҳам дар давлатҳои хонии Хӯқанд ва Хева ҳар рутба амалдорон низ деҳқононро ғорат карда, насибаи худро мерӯёниданд».[115] Мақоми амлокдори Бухоро ё саркори Хӯқанд бағоят сердаромад буд. «Мадохили» ҳарсолаи саркорони Хӯқанд дар нимаи дувуми асри XIX 10–15 ҳазор сӯмро ташкил менамуд.

Вақте ки андозҳо ба шакли пул ситонда мешуданд, амир нархи маҳсулоти зироатро муқаррар менамуд. Усулан, вай мебоист ба нархи бозор баробар меомад, вале амалан онро хеле баланд мебардоштанд.

«Дар натиҷаи ин гуна андозғундорӣ деҳқононе, ки дар асл дар вақти андозандозӣ тороҷ дида буданд, дар вақти пардохтани пули андоз тамоман хонавайрон шуданд ва маҷбур гардиданд, ки баъзеҳошон заминҳошонро бо нархи арзон ба бойҳо фурӯхта, баъзеҳошон ҳайвоноти корӣ ва асбоби хонаашонро фурӯхта пули андозро диҳанд. Ҳатто баъзе деҳқонон маҷбур шуданд, ки писару духтарҳошонро ба бойҳо фурӯхта, «қарзи ҳукумат»-ро адо намоянд, ё ин ки духтарҳошонро бо номи «духтархона» ва писарҳошонро бо номи «ғуломбача» ба ҳукумат ба ҷойи андоз баҳо карда диҳанд».[116]

---

[114] Семёнов А.А., 1929, с. 12-25; Семёнов А.А., 1960, с. 999-1000; Абдураҳимов М.А., 1961.

[115] Дар бекии Қӯрғонтеппа (дар ибтидои асри XX) бек аз ҳар ботман (16 пуд) барои худ як пуд, мироб аз ҳар як хирман якуним пуд, доруға аз хирман чор пуд, амлокдор аз ҳар ботман як пуд мегирифтанд (Гавеский П., 1919–1923, с. 65)

[116] Айнӣ С., 1960., с. 88.

Аҳволи корандагони замин боз ҳам бадтар буд. Онҳо, одатан, бояд то сеяки ҳосилро мепардохтанд, вале чунин расм гардида буд, ки барои корандагон фақат аз панҷ як ҳисса ҳосил боқӣ мемонд (ҳиссаи ҳосиле, ки коранда мегирифт, ҳамчунин вобаста ба он буд, ки ӯ бо чорво ва олоти худ кор кард ва ё аз они хӯҷаинро истифода намуд). Ба замми ин, ҳиссаи коранда аз қисмати баъди адои хироҷ мондан ҳосил муайян карда мешуд. Соли 1843 дар ноҳияи Бухоро Идрисбой ном шахс аз мулки Мулло Фозилҷон қитъаи заминеро ба иҷора гирифт. Дар аҳднома чунин гуфта шуда буд: «...ба уҳда мегирам, ки ин заминро пору дода, шудгор карда, хуб кишт мекунам, боғоту дарахтонро парварида, сабзу хуррам нигаҳ медорам. Аз тамоми ҳосилоте, ки аз 14 таноб замини зикршуда мерӯяд, нисфаш аз они ман ва нисфи дигар аз они Фозилҷони номбурда хоҳад буд. Гуфту фармони Мулло Фозилҷонро бечунучаро ба ҷо меорам ва ҳар вақт, ки саҳлангорӣ карда, дар ин замин кор накунам, бигузор замини зикршударо аз ман пас бигиранд...».[117] Ҳамчунин ду дафъа ситонидани хироҷ ба таомул даромада буд: бори аввал аз тамоми ҳосилот ва бори дувум аз ҳиссаи корандаи замин, ки маҷбур буд ҳамаи супоришоти соҳиби заминро бегуфтугӯ иҷро намояд. Хусусан, вақте ки корандагон дар ихтиёри иҷорагирони замин кор мекарданд, ҳоли боз ҳам табоҳтаре ба сари онҳо меомад: иҷорагирони қитъаҳои калони замин аз онҳо ба фоидаи худ ҳиссаи иловагии ҳосилро «фишурда» мегирифтанд. Иҷорагири замин на фақат деҳқонони ҷудогона, балки як гурӯҳ деҳқононе ҳам буданд, ки заминро шарикона (пайкол) киштукор мекарданд. Ин тариқа ширкатҳо аз он сабаб ба вуҷуд омада буданд, ки аксари деҳқонон ҷуфти гов ва олоти кишоварзӣ надоштанд. Ҳиссаи пайкол дар байни ширкаткунандагони он аз рӯйи саҳми молӣ тақсим карда мешуд. Дар натиҷа узви бенавотари пайкол, ки арақи ҷабин рехта кор мекард, қути лоямутеро соҳиб мегардид.

Дар қатори деҳқонон, безамин мардикорон ҳам буданд, ки мавриди истисмори сахт қарор гирифта, музди ночизе ба даст меоварданд.

Деҳқонон бисёр андозҳои иловагӣ низ мепардохтанд. Монанди «миробона» (барои обёрии замин), «алафпулӣ» (барои юнучқазор), «қӯшпулӣ» (барои ҷуфти гов), «яксарӣ» (барои ҳар сари чорво, аз қабили асп, хар ва барзагов), инчунин барои чидани ҳезум, гузаштан аз пул ва ғайра андозҳои нав пайдо шуда, аҳволи гурӯҳҳои истеҳсолкунандаи мамлакатро боз бештар вазнин мегардонид. Чунонки А.А.Семёнов дуруст қайд мекунад, «...боре, ки ба дӯши деҳқони азиятдидаи Бухоро гузошта мешуд, дарвоқеъ ҳам тоқатфарсо буд»[118]

Барои аҳолии кӯчӣ ва нимкӯчӣ молиёти аз ҳама миёншикан «закот» ба шумор мерафт. Ин навъ молиёт аслан мебоист аз чил як қисми чорворо ташкил медод. Аммо амалан тамоман таври дигар буд. Ба қавли яке аз шоҳидон, ҷамъ кардани закот «… дар Хӯқанд бо чунон суиистеъмолҳо сурат мегирифт, қирғизҳои он ҷо ҳар сол қариб аз бист як қисмати чорвои худро медоданд»[119].

---

[117] Ҳуҷҷатҳо, 1954, с. 192-193 (ҳуҷҷати 42).

[118] Семёнов А.А.,1960, с. 1000. Ғайр аз андозҳои зикршуда бисёр хироҷу маҷбуриятҳои дигар низ вуҷуд доштанд – ҳуҷҷатҳо ба ин шаҳодат медиҳанд - ниг.: Ягонӣ А. I, 1968, с. 29-30.

[119] Обозрение..., 1849, с. 209.

Дар миёнаҳои асри XIX закотро бештар ба шакли пул мегирифтагӣ шуданд. Сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки дар давлати хонии Хӯқанд ҷамъ кардани закот ба як навъ азимати низомии омилони хироҷ ба нишемангоҳи қирғизҳо табдил ёфта буд. Қирғизҳо ҳар гоҳ ба муқобили ҷамъкунандагони закот сар мебардоштанд. Дар ин сурат дастаҳои калонтари низомӣ фиристода, ғайр аз закот «амонпулӣ» ҳам меситонданд.[120]

Ба деҳқонон лозим меомад, ки маҷбуриятҳои гуногунро низ адо намоянд. Яке аз маҷбуриятҳои хеле вазнин ҳашар буд. Ин истилоҳ дар он замон корҳои маҷбуриеро, ки деҳқонон бояд иҷро мекарданд, ифода менамуд. Сохтан ва таъмир кардани каналҳо, иншоотҳо, роҳҳо, инчунин киштукор ва ниҳолшинонӣ дар заминҳои амир ё хон аз ҳамин қабил корҳо ба шумор мерафт. Гоҳо дар як ҳашар то 10 ҳазор кас иштирок мекард. Деҳқонон вазифадор буданд, ки ба ҳашар бо хару асп, ароба ва асбобу абзори худ ҳозир шаванд. Дар хонии Хӯқанд муқаррар гардида буд, ки ҳар як деҳқон бояд се рӯз дар ҳашар ширкат менамуд, хӯроки одамон ва хошоки чорворо хон ба зиммаи худ мегирифт. Албатта, харҷи хон аҳёнан риоят мешуд. Ба ҳар ҳол, бисёр далелҳои воқеа мавҷуданд, ки дар мулки Шаҳрисабз деҳқонон ҳангоми ҳашар аз ҳисоби худ хӯрок мехӯрданд ва дар Қаротегин муддати ҳашар то 15 рӯз мекашид. Ҳашар ҳам як воситаи фоидаи иловагӣ ба даст овардани амалдорони амир гардида буд. Инро устод С. Айнӣ дар тасвири ҳашари канали тумани Шофирком хеле хуб нишон додааст[121].

Ба замми ин хироҷу маҷбуриятҳои маъмул боз бисёр андозҳои дигар низ мавҷуд буданд. Онҳо махсусан дар давраи амалиёти ҳарбӣ вусъати зиёда пайдо мекарданд. Яке аз ҳамин қабил андозҳои фавқулода ҷул буд, ки пардохтани он барои аҳолӣ хеле гарон меафтод. Як муаллифи муътабари рус дар бораи хонии Хӯқанд дар овони ҳамроҳ шудан ба Россия чунин навиштааст: «...дар вақти ҷанг ва ё бо майли хон ё худ бекҳо фуқаро ба додани боҷу хироҷҳои аз ҳад зиёд маҷбур карда мешаванд, дар ин вақтҳо аз маврид истифода бурда дуздӣ мекунанд ва барои ҳамин ҳам аз мардум ба ҳаҷми зиёдтар (молиёт) меситонанд, оқсаққоли деҳ ё маҳалла медуздад, ҷамъкунандаи хироҷ медуздад, бек медуздад, хазинадори хон медуздад, хон фақат бо ҳамин қаноат мекунад, ки миқдори таъйинкардаи ӯ пурра ҷамъ оварда ва супурда шавад»[122].

Дигар аз андозҳои аз ҳама гаронтарин «чӯбпулӣ» буд. Вай ҳатто аз янтоқ ҳам гирифта мешуд. Аҳолии хонии Хӯқанд бе иҷозати амалдор ҳатто хори дар саҳро рӯидаро ҳам наметавонист ҷамъ кунад.

Дар мулкҳои кӯҳистонии Бухорои Шарқӣ аҳолиро маҷбур мекарданд, ки барои ҳокимон ва амалдорон ҳезум тайёр созанд.

Дар Хӯқанд давлат ҳатто аз ақди никоҳ ва тақсими мерос ё хоҷагӣ низ андоз мегирифт (дар вилоятҳои дигар ин навъ андозро ба қозӣ медоданд). Аз осиёб ва ҷувоз, ҳамчунин дар сари пул ва гузаргоҳҳо барои бор ва чорво «боҷ» ситонда мешуд. Аҳолии шаҳру деҳот дар вақти чизеро фурӯхтан ғайр аз «закот» (аз чил як ҳиссаи нархи мол) андози иловагии бозор «тагиҷой»-ро ҳам мепардохтанд. Умуман ва дар мавридҳои махсус ба фоидаи ҳукумати маҳаллӣ

---

[120] Плоских В.М., 1968, с. 107-111.
[121] Айнӣ С., 1960, с. 77–78.
[122] Хорошхин А.П., 1876, с. 45.

андоз ҷамъ карда мешуд, зимнан ба ҳамаи намояндагони ҳукумат пул додан лозим меомад. Ҳамчунин барои рӯҳониён ва масҷидҳо андозҳои гуногун вуҷуд доштанд, хусусан «даҳяк» ё «ушр» ба андоздиҳандагон гарон меафтод[123].

Дар яке аз манбаъҳои хаттии Хӯқанд чунин хабар дода мешавад: «Дар Хӯқанд аз қадимулайём одате ба таомул даромада буд, ки мутобиқи он уламо, қозиҳо, сипоҳиён ва навкарон аз додани хироҷ ва андози танобона аз боғи ангур, кишти юнучқа ва дарахтзорашон озод буданд». Вале, азбаски танобона андози муайян буд, дар соли фаровонҳосилӣ ҳиссаи аз ҳадди эътидол изофан ҳосил гирифта мешуд[124].

Ҷамъоварии андозро аксар вақт ба иҷорадорон вомегузоштанд. Ба қавли А.К.Гейнс дар давлати хонии Хӯқанд, ки ҷабру ситам, бедодгарӣ ва худсарӣ ҳукмфармо буд, «...ин тариқа ҷамъ кардани андоз барои мавриди истисмори бетартибона, боздоштанашаванда ва аз назорат берун қарор гирифтани халқ баҳонае мегардид [125]. Ин ҳодисаро ба аморати Бухоро ва давлати хонии Хева ҳам нисбат додан мумкин аст [126].

Зикри тамоми хироҷу молиёт ва маҷбуриятҳои махсусе, ки дар вилоятҳои мухталифи Осиёи Миёна маъмул гардида буданд, дар ин баёни мухтасари мо ғунҷоиш нахоҳанд ёфт. Хироҷу молиётҳои иловагӣ ва маҷбуриятҳои гуногуни меҳнатӣ, алалхусус, дар Бухорои Шарқӣ ҳадду ҳисоб надоштанд.

Чунин буд аҳволи гурӯҳҳои истеҳсолкунандаи деҳот. Аммо вазъи зиндагии шаҳриён аз ин беҳтар набуд. Аз дасти ҳукмронони ҳарису озманд на фақат аҳолии одии шаҳр, балки табақаҳои давлатманд ва боиститоат, аз ҷумла, тоҷирон ҳам азият мекашиданд. Мувофиқи суханони яке аз шахсони бомаърифати Хуҷанд, ки соли 1824 гуфтааст, фақат ононе, ки дар хидмати амир ё ҳоким мартабаҳои баландро соҳиб шудаанд ва ҳам ҷамъкунандагони андоз аз ҳоли худ қонеанд[127]. Чунонки муҳаққиқи бо вазъияти Осиёи Миёна ба хубӣ шиноси рус дар миёнаҳои асри XIX навиштааст: «...худи халқ дар ниҳояти қашшоқӣ ва мазлумӣ зиндагӣ ба сар мебарад», аммо давлатмандон «дороии худро аз соҳибонашон (ҳокимон–Б.Ғ.) пинҳон мекунанд, ки ба ҳирси онҳо нарасанд, то дар ноомади кор мавриди ғорати онҳо қарор нагиранд, зеро ин соҳибон... аслан бедодгаранд, аз чизе андеша намекунанд, худсарона ва бевиҷдонона ба дороии тобеонашон ихтиёрдорӣ менамоянд» [128]. Худи ҳаёти одамӣ ҳам, ба таъбири шоири файласуф Абдулқодири Бедил «бар сари мижгон чу ашк истода» буд, зеро зулму истибдод ва бедодгарӣ ҳадду ҳисоб надошт ва мумкин буд, ки ҳар касе бидуни таҳқиқ ва ҳукм ба қатл расонида шавад.

Ба болои ин ҳама сахтиву талхиҳои рӯзгор хурофот ва таассуб ҳукмфармоӣ мекард. Чунончи, дар давлати хонии Хӯқанд ҳангоми сохтмони канал об қитъаеро рахна карда, ба роҳи дигар ҷорӣ шуд. Амалдорони хон, ки ба кори

---

[123] Ҳукумат дар амал оидоти ин навъ андозро ба мақсадҳои гуногун харҷ менамуд. Ниг.: Иванов П.П., 1940, с. 28, 98–99.

[124] Набиев Р. Н., 1961, с. 38–39; инчунин ниг.: Ягонӣ А.А., 1968, с. 16 (№ 36). Дар бораи чунин расм дар хонии Хева. Ниг.: Иванов П.П., 1940, с. 28.

[125] Гейнс А.К., 1898, с. 720–721. Дар бораи ба иҷора додани ҷамъоварии андоз инчунин ниг. Обозрение., 1849, с. 208, 216.

[126] Роҷеъ ба зулми феодалӣ дар хонии Хева – ниг.: Кун А.Л., 1873 а,1873 б; Иванов П. П., 1937 б, 1940, с. 26–29, 51–121; Юлдошев М.Ю., 1959,1966; Ҳуҷҷатҳо, 1967, с. 25–55, 79–296.

[127] Набиев Р.Н., 1961, с. 40.

[128] Иқтибос аз Халфин Н.А., 1960, с. 24.

сохтмон назорат мекарданд, аз байни коргарон ҳамаи касони «Тӯхтасин» номдоштаро даъват карда, фармуданд, ки онҳоро зинда ба замин гӯронанд, то роҳи ҷараёни об боздошта шавад [129].

«Дар вақти баҳо додан ба вазнинии андозҳо,– гуфтааст К.Маркс,– чандон маблағи муқаррарии онро не, балки тарзи ситондан ва харҷ кардани андозҳоро бояд дар назар гирифт. Тарзи ситондани андозҳо дар Ҳиндустон нафратовар аст ва агар ба тариқи мисол хироҷи заминро гирем, дар натиҷаи тарзи мавҷуда, аз эҳтимол дур нест, ки маҳсулот аз ҷамъоварӣ дида бештар нобуд мегардад. Он чӣ оид ба харҷи андозҳои ғундошташуда бошад, гуфтан кофист, ки ягон ҳиссаи он дар шакли биноҳои судманди ҷамъиятӣ, ки назар ба ҳар ҷойи дигар, барои кишварҳои Осиё заруранд, ба халқ барнамегардад»...[130] Ин суханони пурарзиш барои Осиёи Миёна низ комилан мутобиқат доранд. Даромади солонаи замин, хироҷу молиёти ҷамъшуда ҳама тамоман барои афзудани сарвати синфи феодалон, барои таъминоти дастгоҳи идораи давлат, ки олати истисмор ва ғорати мардум буд, барои қувваҳои аскарӣ, ки ҳамчун олоти фурӯ нишондани норизоятии оммаи халқ хизмат мекард, сарф мешуд.

## Муборизаи синфӣ

Аҳолии шаҳри Бухоро ва ноҳияҳои атрофи он борҳо ба муқобили амирони манғит шӯриш бардоштанд. Ин қабил шӯриш, аз ҷумла, дар соли 1758 барпо гардида, шӯришчиён дар кӯчаҳои шаҳр сангарҳо сохта буданд. Шӯриши дигар соли 1785 сар зад, ки иштирокчиёни он бештар аз ҳазор нафар, зоҳиран, намояндагони синфи ҳукмронро ба қатл расонданд[131].

Соли 1810 дар Бухоро қаҳтӣ рӯй дод. Қиматӣ ва гуруснагӣ сар шуда, ба сари мардум азобу уқубатҳои зиёде омад. Дарбори амир барои сабуктар гардидани вазъияти ниҳоят сахти аҳолӣ ягон чорае надид. Он гоҳ шаҳриёни баошӯбомада майдони Регистонро фаро гирифтанд. Амир ба ҳарос афтода, аз шаҳр фирор намуд. Оқибат ошӯби халқ бо зӯрӣ фурӯ нишонда шуд.

Аз рӯйи баъзе мадракҳои ғайримустақим шӯру ошӯбҳои халқӣ дар соли 1819 ё 1820 низ ба вуқӯъ омада буданд[132]. Ҷунбиши калони халқӣ соли 1821 дар қисмати миёнаи водии Зарафшон байни Самарқанд ва Бухоро (дар Миёнкол) ба амал омад. Дар ин ҷо тоифаҳои нимкӯчии ӯзбек хитойқипчоқҳо зиндагӣ мекарданд. Тазйиқи андозҳо, мусодираҳои доимӣ, ба хизмати ҳарбӣ сафарбар кардани миқдори зиёди мардони қабилаҳо – ҳамаи ин якҷоя аҳолии Миёнколро ниҳоят ба шӯр овард. Соли 1821 ҳукумат дубора ба сарбозӣ одам гирифтанро сар кард. Косаи сабри хитойқипчоқҳо лабрез шуда, норизоятии онҳо ба шӯриши ошкоро фурӯ рехт. Қарақалпоқҳои сокини ин маҳал низ ба шӯришчиён ҳамроҳ шуданд. Тамоми тоифаҳои ноҳияи байни Самарқанду Каттақӯрғон ба зери ливои шӯришгарон даромаданд. Шӯришчиён маъмурони амирро ронда, Каттақӯрғон, Чалак, Янгиқӯрғон ва дигар шаҳру деҳаҳои гирду

---

[129] Набиев Р.Н., 1961, с. 41. Дар бораи қурбонӣ кардани одамон ҳангоми каналсозӣ ва пайдоиши ин одати хурофӣ ниг.: Богомолова К.А., 1952, с. 112–115.
[130] Маркс К. и Энгелс Ф., Соч., т. 12, с. 531–532.
[131] Чехович О.Д., 1954, с. 76–77.
[132] Мухторов А., 1963, с. 34–46.

атрофро забт намуданд. Камбағалони ин ҷойҳо ҳам ба сафи шӯришгарон дохил шуданд, аммо аъёну ашроф барои кумак ба амир рӯ оварданд. Шӯришгарон ба тарафи Самарқанд ҳаракат намуданд. Амир ба Каттақӯрғон ҳамла оварда, онро забт кард ва аҳолиро аз дами теғ гузаронид. Шӯришгарон аз Хӯқанд, Шаҳрисабз ва дигар мулкҳои душмани амир Ҳайдар мадад хостанд. Аммо иттифоқчиён байни худ мувофиқат ҳосил накарда, ба таври пароканда амал менамуданд. Хитойқипчоқҳо хостанд ба Бухоро зарба зананд, вале ба ин муваффақ нашуданд. Шӯришчиён кӯшиш карданд, ки деҳқонони ноҳияҳои гуногунро ба тарафи худ кашанд. Ин ҳам нашуд. Охируламр қувваҳои асосии шӯришчиён аз ҳам пош хӯрд ва онҳо усули мудофиаи пассивро пеш гирифтанд. Дар ҳамин вазъият соли 1825 амир Ҳайдар муҳимтарин нуқтаҳои муқовимати шӯришчиёнро ишғол намуд[133].

Дар солҳои 1840–1842 муносибати байни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд хеле тезутунд гардид. Вақте ки дар соли 1840 хони Хӯқанд аз хавфи ҳуҷуми қӯшунҳои Бухоро ба тарс афтода, Хуҷандро дод, дар Хӯқанд шӯриш ба амал омад. Ба шӯриш Хоҷа Қаландари мисгар сардорӣ мекард. Ҳазорон камбағалони шӯришгар бо роҳбарии ин марди шуҷоъ амалан пойтахти мамлакатро ишғол намуданд. Онҳо манзилҳои амалдорони хонро ба хок яксон карда, сафирони Бухороро низ эмин нагузоштанд.

Чи навъе ки таърихи Хӯқанд иттилоъ медиҳад, ҳамаи амалдорони низомӣ ва ғайринизомӣ «ба гӯшаҳо пинҳон шуданд». Сипас, шӯришчиён дарбори хонро иҳота намуданд. Доираҳои ҳукмрон фақат бо макру фиреб ва душвориҳои зиёде тавонистанд, ки ин шӯришро фурӯ нишонанд. Вале сабабгори асосии сар задани шӯриш, пеш аз ҳама, зулму ситами бераҳмона аз байн бурда нашуд. Ин буд, ки соли оянда боз шӯриши халқ ба вуқӯъ омад. Вай чунон вусъат пайдо намуд, ки хони ба ҳарос афтода аз Хӯқанд фирор кард. Ҷунбишҳои халқӣ дар Хӯқанд соли 1842 вақти ҳуҷуми қӯшунҳои Бухоро низ ба амал омада буданд[134].

Дар охири солҳои чилум (эҳтимол соли 1847) шӯриши сокинони шаҳри Тошканд барпо мегардад. Он вақтҳо шаҳри Тошканд таҳти тасарруфи хонии Хӯқанд қарор гирифта, дар он ҷо намояндаи бузургзодагони дар сари идораи давлати хонӣ нишастаи қипчоқ – Азиз парвоначӣ ҳукмронӣ мекард. Ӯ борҳо ба муқобили шаҳри Туркистон лашкар кашида, дар натиҷаи ҷангҳои дурударози тоқатфарсо хазинаро холӣ карда буд. Ба ин сабаб, дар машварати ҳоким бо аъёну ашрофи Тошканд қарор карда шуд, ки илова ба андозҳои маъмулӣ аз аҳолии шаҳр ва деҳоти атроф ба тариқи фаврӣ андози фавқулодаи пулӣ ҷамъ карда шавад. Аҳолии шаҳр, ки аз ҷабри доимӣ ва тазйиқи бераҳмонаи Азиз парвоначӣ ҳолашон табоҳ мешуд, ҳамеша ба исён омода буданд. Қаҳру ғазаби халқ ба ниҳояти худ мерасид. Ҷамъоварии андози нав косаи сабри мардуми Тошкандро лабрез намуд. Сокинони шаҳр ба ҷамъкунандагони андоз дарафтоданд ва пулҳои ситондаи онҳоро кашида гирифтанд. Дар бисёр маҳалҳо сангарҳо ба вуҷуд омаданд. Яке аз марказҳои муҳимми шӯриш растаи мисгарони бозори Тошканд буд. Ҳоким шаш рӯз бо

[133] Дар таҳқиқи ин шӯриш Иванов П.П., ки ҳамаи манбаъҳои мавҷударо ба диққат омӯхтааст, хидмати пурарзише дорад–ниг.: Иванов П.П., 1937 а.
[134] Набиев Р.Н., 1961.

кумаки тӯпу туфанг зӯр зада, бисёр марказҳои шӯришро забт кард, вале фурӯ нишондани шӯриш барояш муяссар нагардид. Шӯришгарон қувваи нав ҷамъ карда, тамоми шаҳрро ишғол намуданд. Ҳоким фурсати гурехтан наёфта, дар даруни қалъаи шаҳр пинҳон шуд. Шӯришгарон ҳамроҳи қӯшуни ҳокими ноҳияи ҳамсояи Қурама Азиз парвоначиро аз шаҳр ронданд.

Чунонки аз сарчашмаҳо маълум мешавад, неруи асосии ҳаракатдиҳандаи ин шӯриш камбағалони шаҳр буданд, ҳарчанд ки дар он шаҳриёни доро ва намояндагони ҷудогонаи аъёну ашрофи аз ҳукумати Хӯқанд норозӣ низ иштирок доштанд. Оммаи халқ муваффақ шуданд, ки андозҳои нави хеле гаронро бекор кунонанд ва гумоштаи нафратангези Хӯқандро аз шаҳр берун кунанд[135].

Тоифаҳои ҷануб ва шимоли Қирғизистон ва қазоқҳо низ чандин бор бар зидди юғи асорати Хӯқанд сар бардошта буданд. Дар ҷараёни ин шӯришҳо меҳнаткашони кӯчнишин аксар вақт бо деҳқонон ва шаҳриёни мазлум муттаҳид мешуданд [136].

Мубориза синфӣ дар ноҳияҳои ҷудогонаи кӯҳистони Помири Ғарбӣ ҳам бо шиддати тамом давом мекард. Дар ибтидои солҳои 60-ум деҳқонони Шуғнон, Рушон ва Вахон шӯриш бардоштанд, ки ба он Шайхзодаи рӯшонӣ сардорӣ намуд. Шӯришгарон нишемангоҳи мири Рӯшон Қалъаи Вомаро ба даст даровroutanд. Сипас, онҳо ба сӯйи қароргоҳи ҳокими Шуғнон Қалъаи Барпанҷ ҳаракат карда, қӯшуни онро торумор намуданд. Тамоми дороии ҳокимон дар байни деҳқонон тақсим карда шуд. Ин шӯриш фақат пас аз он ки ҳукмрони кулли Бадахшон ба Помири Ғарбӣ қувваи зиёди ҳарбӣ фиристод, шикаст хӯрд [137].

Яке аз калонтарин ва пурдавомтарин шӯришҳои асри XIX шӯриши туркманҳои Хоразм дар солҳои 1855–1867 мебошад. Ҳамчунин шӯриши деҳқонони бенаво бо сардории муздур Муҳаммад Фаноро, ки солҳои 1858–1859 дар хонии Хева ба амал омада буд[138], метавон хотирнишон кард.

Мо фақат чанде аз лаҳзаҳо ва лавҳаҳои муборизаи синфии дар нимаи дувуми асри XVIII–нимаи аввали асри XIX ҷараён доштаи давлатҳои Осиёи Миёнаро зикр намудем. Мавҷи пурвусъати шӯришҳои халқӣ гоҳо саросари Осиёи Миёнаро фаро мегирифт. Аммо муаррихони давр онҳоро нодида меангоштанд. Ин, дарвоқеъ, хусусияти таърихнигории феодалии Шарқ аст. Ин аст, ки мо дар бораи онҳо аксаран аз рӯйи маълумот ва аломатҳои ғайримустақим огоҳ мешавем ва қазоват мекунем. Таърихшиноси машҳури советӣ П.П.Иванов аз хусуси ҳаракатҳои халқии аҳди амир Дониёл сухан ронда, нуктасанҷона хотирнишон карда буд: «Муаррихони Бухоро, ки ин воқеаҳоро бароямон нақл мекунанд, онҳоро асосан ҳамчун лавҳаҳои муборизаи феодалони маҳаллӣ бар зидди ҳукумати хонӣ ба қалам медиҳанд. Вале бояд қайд кард, ки аъёну ашрофи маҳаллӣ дар муборизаи зидди хон қариб тамоман ба фавҷҳои деҳқонон такя менамуд ва саранҷоми ин мубориза ҳам маҳз ба фаъолияти онҳо вобаста буд. Аз ин рӯ, фарз кардан мумкин аст, ки

[135] Барои тафсили шӯриш ниг.: Набиев Р.Н., 1966, с. 62–76.
[136] Усенбоев К., 1961, с. 44–51; История Киргизской ССР, т. 1,1968, с. 293–298.
[137] Искандаров Б.И., 1960, с. 39–42.
[138] Юлдошев М.Ю., 1966, с. 112-113.

бештарини лавҳаҳои муборизаи мусаллаҳ дар аморати Бухорои асри XVIII муҳимтарин унсурҳои ҳаракатҳои халқӣ ё деҳқониро дар худ нуҳуфта буданд, фақат фарқ дар ин буд, ки феодалони маҳаллӣ аз рӯйи манфиатҳои маҳдуди синфии худ ба онҳо сардорӣ мекарданд ва аз онҳо истифода мебурданд»[139]. Ин фикри бағоят амиқ ва пурмаънист. Бо вуҷуди ин, метавон ба он илова намуд, ки ин гуфтаҳо ба нимаи аввали асри XIX низ комилан нисбат доранд.

Чи навъе ки аз мисолҳои овардашуда аён мегардад, ҳаракатҳои халқии ондавра, асосан, хусусияти аграрӣ доштанд. Зимнан деҳқонони тоҷику ӯзбек аксаран бо қавмҳои кӯчӣ ва нимкӯчии ӯзбек, қирғиз ва қазоқ якҷоя амал менамуданд. Манфиатҳои синфӣ ва муборизаи якҷояи табақотӣ бар зидди золимони умумӣ монеаҳои тоифавӣ ва нажодиро шикаста, меҳнаткашонро бо ҳам муттаҳид месохт.

Дар баробари шӯру ошӯбҳои аҳолии деҳот шӯришҳои шаҳриён низ ба амал меомаданд. Ҷунбишҳои ҳам деҳот ва ҳам шаҳр ба таври стихиявӣ ва ғайримуташаккил сар мезаданд ва давом мекарданд, аммо дар шӯришҳои шаҳриён гоҳо унсурҳои муташаккилӣ падидор мегардиданд. Ҳамаи шӯришҳо хусусияти маҳаллӣ дошта, тамоми хоки давлати хониро фаро намегирифтанд ва аз ин рӯ қисми асосии аҳолии мамлакат аз муборизаи фаъолона дар канор мемонд, ки ин ҳолат ба ҳукумат барои фурӯ нишондани ин ва ё он ошӯби халқ имкони мусоид фароҳам меовард.

Идеологияи ҳаракатҳои халқии он давр ба мо кам маълум аст. Одатан, шӯришгарон дар назди худ мақсад мегузоштанд, ки ба барҳам додани суиистеъмол ва ноинсофиҳои аз ҳад зиёди намояндагони ҳокимияти давлатӣ, аз сари кор дур кардани амалдорону ҳокимони ҷудогона, беҳтар кардани аҳволи моддӣ ва ғайра муваффақ шаванд. Аз ин бештар мақсад ва вазифа намегузоштанд. Ақибмондагии шуури синфии хоси он замон дар ин соҳа низ возеҳу равшан зуҳур мекард.

## 4. МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНИ ОСИЁИ МИЁНА ВА РОССИЯ. ТАДҚИҚИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ТАРАФИ ОЛИМОНИ РУС

Соли 1781 мутарҷим М. Бекчурин ба сифати сафири ҳукумати Россияи подшоҳӣ ба Бухоро фиристода шуд. Вазифаи асосии сафорат муайян кардани имконоти инкишофи тиҷорати Россияву Бухоро ва ба воситаи Россия кашондани молҳои Бухоро, инчунин ҳалли масъалаҳои сиёсӣ буд.[140] Дар навбати худ бухороиҳо илтимос мекарданд, ки барои озодона тиҷорат кардан дар тамоми хоки Россия ба онҳо иҷозат диҳанд. Умуман, чи навъе ки Е.В.Бунаков хотирнишон мекунад, аз даҳсолаҳои охири асри XVIII Осиёи Миёна аввалин бор дар сиёсати хориҷии ҳукумати Россия мавқеи ҷиддии мустақилро ишғол менамояд, зимнан мақсаду мароми тиҷорат дар ин ҷо қариб дар навбати аввал гузошта мешуд.[140а] Аз соли 1796 содироти молҳо аз аморати

---

[139] Иванов П.П., 1958, с. 112.
[140] Ниг.: Бекчурин М., 1916.
[140а] Бунаков Е.В., 1941, с. 6–8.

Бухоро ба Россия аз 379 то 485 ҳазор сӯм, воридот аз 341 то 421 ҳазор сӯм афзоиш ёфт. Вале дар соли 1801 содироти молҳои Бухоро ба Россия ба маблағи 732 ҳазор сӯм расид, дар айни замон қисмати асосии онро (беш аз 545 ҳазор сӯм) маснуоти нахӣ ва пахта, сипас қисмати дигарро (102 ҳазор сӯм) чарм ва бақияи онро пӯсти қарокӯлӣ, решаи ревоҷ ва соири колаҳо ташкил мекарданд. Ба ин тариқа, дар таркиби молҳои содироти Осиёи Миёна нахи пахта, газворҳои нахӣ ва худи пахта мавқеи бартариро дошт ва зимнан 90% ин гурӯҳи колоро ресмон ташкил медод. Дар ин бобат мушоҳидаи полковник Струков хеле ҷолиби диққат аст, ки соли 1810 дар хусуси тиҷорати Россияву Осиёи Миёна навишта буд: «Россия, ки дар истеҳсолоти худ нахи пахта надорад, инчунин зарурати муҳимро ба миқдори зиёде ҳам дар ҳолати пахтаи табиӣ ва ҳам се навъи ришта аз Осиё дарёфт менамояд. Илова бар истифодаи басо муфид дар чароғон онро дар фабрикаҳои рус барои таҳияи матоъҳои гуногуннавъ ба кор мебаранд. Баробари ин, ҳар навъ газворҳои аз Осиё воридшавандаро ҳар ду ҷинси мардуми омӣ бо дилхушии тамом истифода мекунанд, зеро вай нарм ва бадошт аст ва аз ин рӯ, матои зағирпоягиро, ки давлат барои (таъмини) армия ба вай эҳтиёҷи бағоят бузурге дорад, аксаран бо он иваз мекунанд»[141].

Соли 1801 аз Бухоро ба Россия ба маблағи 732 ҳазор сӯм мол содир гардида, моли аз Россия ба Бухоро воридшуда аз ин маблағ якуним баробар камтар буд. Муҳимтарин қисмати молҳои воридотиро червонҳои тилло (40%), моҳут ва дигар матоъҳо (21%), қаламфур, қирмиз, мӯина ва амсоли инҳо ташкил медоданд.

Дар соли 1813 гумоштаи Британия Мириззатулло маҷбур шуд эътироф намояд: «Тиҷорат бо Россия барои Бухоро тиҷорати асосист». Ҳар сол аз Россия як корвони иборат аз 4–5 ҳазор шутур меомад ва ҳамин қадар як корвон ба Россия мерафт[142].

Дар нимаи аввали асри XIX таназзули хоҷагии феодалии крепостнӣ шиддат ёфта, муносибатҳои капиталистӣ вусъат пайдо мекунанд. Коргоҳҳои хурди косибӣ беш аз пеш ҷойи худро ба мануфактураҳои капиталистӣ ва сипас ба истеҳсолоти фабрикии сармоядорон медиҳанд. Аз соли 1804 то соли 1860 миқдори корхонаҳои саноатӣ аз 2402 ба 15. 338 расида, миқдори коргарон мутобиқан аз 95,2 ҳазор то 565,1 ҳазор кас афзуд. Махсусан саноати бофандагӣ, ки дар нимаи дувуми солҳои 20-ум ва нимаи аввали солҳои сивуми асри XIX тақрибан 70% саноати маснуот барорандаи русро ташкил мекард, хеле тараққӣ намуд. Фақат дар зарфи 7 сол аз соли 1825 то соли 1832 ададаи дастгоҳи бофандагӣ ду мартаба зиёд шуд.

Албатта, мо барои тафсил додани инкишофи иқтисодиёти Россия имкон надорем ва ба ин ҳоҷат ҳам нест, зеро ин масъала дар тадқиқоти зиёде мавриди баррасӣ қарор гирифтааст[143]. Мо ин ҷо фақат дар баъзе ҷиҳатҳои асосии он таваққуф менамоем. Саноати ба тараққӣ рӯниҳодаи Россия ба бозор эҳтиёҷ дошт. Инро бисёр арбобони онвақта ба хубӣ дарк менамуданд. Дар соли 1835

[141] Рожкова М.К., 1949, с. 41.
[142] Соколов Ю.А., 1957, с. 198 (ҳамон ҷо ва с. 208 номбари молҳо).
[143] Хромов А., 1946; 1950; Лященко П.И., 1947; Пажитнов К.А., 1958; Халфин Н.А., 1960, 1974; Очеркҳо..., 1969 ва бисёр диг.

Г.Неболсин ин иддаоро хеле возеҳу равшан баён карда буд: «Аз он вақте ки фурӯши молҳои мануфактурии мо дар байни мардумони Осиёи Миёна ба равнақ даромад, ин тиҷорат барои саноати дохилии мо аҳамияти махсус пайдо намуд...»[144]. Чунонки В.И.Ленин хотирнишон кардааст: «...капитализм бе пайваста васеъ кардани доираи ҳукмронии худ, бе колонизатсияи мамлакатҳои нав... зиндагӣ ва тараққӣ карда наметавонад». Ва боз: «Барои фабрикантҳо бозор фавран даркор аст ва агар қафомондагии тарафҳои дигари хоҷагии халқ бозорро дар ноҳияи куҳна тангтар мекарда бошад, дар ин сурат онҳо бозорро дар райони дигар ё дар мамлакатҳои дигар... ҷустуҷӯ хоҳанд кард»[145].

Маҳз ҳамин ва инчунин зарурати ба даст овардани маводи хоми Осиё сабабгори асосии вусъат ёфтани ҳаҷми робитаҳои иқтисодии Россия бо Осиёи Миёна буд. Ба ин ваҷҳ маҳдудиятҳои аз Россия ба кишварҳои Осиё содир кардани тилло, филизоти сиёҳ ва ранга, маснуоти филизӣ (ба истисnoи аслиҳа) ва ғалла аз байн бардошта шуданд. Ба тоҷирони ҳар се дараҷа барои савдо кардан бо Осиёи Миёна ва ба шахсони ҳар зумра барои додугирифти мубодилагӣ иҷозат дода шуд. Ин ва дигар тадбирҳо ба равнақи тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварданд. Колоҳои Россия ҳатто ба Афғонистон, Кошғар ва соири ноҳияҳои машриқзамин низ роҳ ёфтанд[146]. Аммо аз хатар эмин набудани роҳҳои корвонгард ба тараққии тиҷорат монеаи сахте гардида буд. Аксар вақт корвони тоҷирон, хусусан онҳое, ки аз Россия роҳӣ мешуданд, ба ҳамла ва ғорати роҳзанон дучор мегардид[147]. Корвонҳоро ҳамроҳӣ кардани дастаи муҳофиз ҳам кумак расонида наметавонист. Масалан, корвони пуршумору пурбори тоҷироне, ки солҳои 1824–1825 ба Бухоро ҳаракат мекард, бо вуҷуди муҳофизаи дастаи мусаллаҳ аз тарафи роҳзанон талаву тороҷ карда шуд [148].

Аз маводди хоми Осиёи Миёна махсусан пахта аҳамияти калоне пайдо карда буд. Саноати бофандагии Россия миқдори торафт бештари онро талаб менамуд. Ин аст, ки кашондани пахта муттасил меафзояд.[149] Дар оғози асри XIX аз Осиёи Миёна ҳар сол қариб ҳазор пуд пахта ба Россия кашонда шуд, миқдори он дар соли 1818 ба беш аз 10 ҳазор пуд, дар соли 1836 ба 38,5 ҳазор пуд ва дар соли 1858 ба зиёда аз 180 ҳазор пуд расид, яъне дар давоми ним аср 18 баробар афзоиш ёфт.

Дар навбати худ Осиёи Миёна ҳам аз тиҷорат бо Россия хеле манфиатдор буд. Бисёр маҳсулоти муҳим, аз қабили чӯян, оҳан, мис, маснуоти филизӣ, маҳз аз Россия ворид мегардид. Аз тангаи кисаи шаҳриён сар карда, то тӯп – ҳама аз филизоти рус сохта мешуд.

П.И.Неболсин навишта буд: «Мо ба Осиёи Миёна чунин молҳоро мефиристем, ки дар тамоми Тӯрон чизҳои аз ҳама зарурӣ ва мавриди масрафи умуми аҳолӣ маҳсуб меёбанд. Тилло, нуқра, мис, чӯян, оҳан, ҳар гуна маснуоти

---

144 Неболсин Г.П., 1835, II, с. 176.

145 Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 3, с. 616, 613–614.

146 Бобохоҷаев М.А., 1965.

147 Ниг.: Масалан, тасвири ғорати корвони соли 1803 – Гавердовский Г., 1823.

148 Ниг.: Рожкова М.К., 1949, с. 46–48; Кайдалов Е., 1828; Халфин Н.А.,1974, с. 176-198.

149 Дар дастуроте, ки ба мутарҷим П.И.Демезон дар соли 1833 ҳангоми бо миссияи дипломатӣ ба Бухоро сафар карданаш дода шуда буд, аз ҷумла фаҳмидани он ки «оё имкони зиёд кардани» истеҳсоли пахта ҳаст ё не ва агар бошад, то чӣ андоза» тавсия мешуд (Чабров Г.Н., 1957, с. III).

филизӣ, пӯст, ранг, шакар, моҳут, чит ва матоъҳои гуногуни пахтагӣ ва абрешимӣ ба он ҷо аз мо мераванд. Осиёи Миёна филизот, чарм, моҳут ва чит барин молҳои моро муҳол аст, ки бо ҳамии нарх аз ягон кишвари дигар гирифта тавонад»[150].

Мувофиқи мадракҳои овардаи ҳамин муаллиф фақат дар зарфи даҳсолаи 1840–1850 танҳо бо роҳи Оренбург аз Россия ба давлатҳои хонии Осиёи Миёна тақрибан 40 ҳазор пуд мис, беш аз 400 ҳазор пуд оҳан, 75 ҳазор пуд чӯян, 25 ҳазор пуд фӯлод, ба миқдори зиёде сиккаҳои тилло ва нуқра кашонда шуданд. Бояд гуфт, ки ин миқдор аз истихроҷи филизоти маҳаллӣ бештар буд. Барои оммаи васеи аҳолии Осиёи Миёна, махсусан, ворид намудани матоъ аҳамияти калон дошт, аз ин рӯ, вай дар байни молҳои ба ин кишвар содиркунандаи Россия ҷойи аввалро ишғол менамуд. Умуман, тиҷорати Осиёи Миёнаву Россия, сарфи назар аз баъзе лаҳзаҳои ба мамониат дучор шудан ва ҳатто пас рафтан, беш аз пеш ривоҷ мегирифт.

Дар натиҷаи тавсеаталабии тиҷоратии Англия ва душвориҳое, ки солҳои сивум ва чилум дар соҳаи савдо ба миён омаданд, содироти Россия ба давлати хонӣ хеле паст фаромада, нисбат ба воридот якуним-ду баробар кам гардид. Вале аз охири солҳои 50-ум ва 60-ум тиҷорати Россияву Осиёи Миёна дубора ҷон гирифта, босуръат пеш рафт. Ба сабаби сар задани ҷангҳои дохилӣ дар Америка аз он ҷо ба Россия ворид намудани пахта ниҳоятдараҷа кам шуд ва ин, дар навбати худ, нархи пахтаро дар Россия хеле боло баровард. Дар бораи вусъати онвақтаи муносибатҳои тиҷоратии Россия ва Осиёи Миёна чунин далел гувоҳӣ медиҳад, ки дар Осиёи Миёна маҳз дар ҳамон вақт масоҳати киштзори пахта чандин баробар афзоиш меёбад. Пас аз як соли оғози ҷанги дохилии Америка, яъне соли 1862 аз Осиёи Миёна кашондани пахта қариб се баробар зиёд мешавад.

Чунонки дар боло таъкид ёфт, ба инкишофи тиҷорати Россияву Осиёи Миёна ҳар ду тараф ҳам манфиатдор буданд. Вале аз он набояд сарфи назар кард, ки дар тиҷорати хориҷии Россия ҳиссаи воридоти Осиёи Миёна ҳатто дар давраи авҷи худ низ фақат 2–3 фоизи ҳаҷми умумии содироти давлати Русро ташкил менамуд, дар сурате, ки қисми асосии молҳои содиротии Осиёи Миёна ба Россия фиристода мешуд. Ин ҳолатро дар воридоти Осиёи Миёна ҳам метавон мушоҳида кард. Қисми зиёди молҳои воридотӣ аз Россия меомад. Давлатҳои Осиёи Миёна хеле пештар аз ҳамроҳ шудан ба Россия таҳти нуфузи иқтисодии давлати Рус қарор гирифта буданд[151].

Манфиатдории ҳам Россия ва ҳам давлатҳои хонии Осиёи Миёнаро нисбат ба инкишофи муносибатҳои тарафайн омилҳо, на ин ки омилҳои сиёсӣ, дар саъю кӯшишҳои аз нимаи дувуми асри XIX ба зуҳур омадаи ҳукумати подшоҳӣ дар бобати тамоман ба зери назорати худ даровардани Осиёи Миёна ва ба ин

---

[150] Неболсин П.И., 1865, с. 22-23.

[151] Маълумоти солиёнаи нисбатан муфассал доир ба тиҷорати Россияву Осиёи Миёна дар нашрияи Вазорати молия, ки ҳар сол бо унвони «Тиҷорати хориҷии давлатӣ дар навъҳои гуногуни он» мебаромад, оварда шудааст. Ҳамчунин бисёр таълифоти пурарзиш низ мавҷуданд: Мейендорф Е.Ф., 1826 (нашри франсавӣ, нашри русӣ–1975); Неболсин П.И., 1835; Хаников П.И., 1843; 1851; Семёнов А., 1859, Неболсин П.И., 1856, Кушева Е.Н., 1934; Бунаков Е.В., 1941; Рожкова М.К., 1949, 1963, Муҳаммадҷонов А.Р., Неъматов Т., 1957, Аминов А.М., 1959; Михалева Г.А., 1965; Халфин Н.А., 1965, 1974 ва ғ.

васила аз истилои Англия – хатарноктарин ҳарифи империяи Россия эмин нигоҳ доштани он роли хеле муҳим бозиданд. Инро бояд махсус таъкид кард, зеро баъзе муаллифон[152] ҳангоми таҳқиқи ангезаҳои асосии амалиёти Петербург дар Шарқ ба ҷиҳатҳои иқтисодӣ аҳамияти лозимӣ намедиҳанд.

Муносибатҳои самарабахши тиҷоратии аморати Бухоро, давлати хонии Хева ва Хӯқанд аз як тараф ва Россия, аз тарафи дигар, дар заминаи фаъолияти ҷиддии дипломатии ин кишварҳо беш аз пеш равнақ меёфтанд. Дар зарфи тамоми нимаи аввали асри XIX онҳо сафорат ва намояндагиҳои худро мубодила карда, ба ҳалли масъалаҳои аз назари ин ва ё он давлат хеле муҳим муваффақ мегардиданд. Яке аз ҳамин қабил масъалаҳо ҳамоно мубодилаи мол ва тамоми муаммоҳои ба он алоқаманд ба шумор мерафт.

Сафироне, ки аз Осиёи Миёна ба Россия фиристода мешуданд (алалхусус сафирони аморати Бухоро), кӯшиш мекарданд боҷҳои ба молҳои ҳамватанонашон андохташударо кам кунанд, барои ба Осиёи Миёна содир кардани маснуоти мамнӯъ, тилло ва танга (ки ҳар вақт кашондани онҳо манъ мешуд) иҷозат гиранд, онҳо баъзан илтимос менамуданд, ки барои тоҷирони ин ва ё он давлати хонӣ дар ярмаркаҳои Россия ҷой диҳанд ва боисрор дархост мекарданд, ки барои дар шаҳрҳои гуногуни империяи Россия, на ин ки фақат дар маҳалли махсус таъйиншуда, харидуфурӯш кардани тоҷирони Осиёи Миёна имкон дода шавад.

Ҳукумати подшоҳӣ, дар навбати худ, ба вусъати робитаҳои иқтисодӣ ва беҳтар шудани шароити тиҷорати савдогарони рус ҳавасманд буд ва чунин меангошт, ки ба ин васила нуфузи сиёсии худро дар Осиёи Миёна метавонад ба осонӣ паҳн ва устувор намояд. Вай дар назди сафирони худ, ки ба давлатҳои хонӣ раҳсипор мешуданд, вазифаи тадқиқи ин давлатҳо ва озод кардани раияҳои дар ин сарзамин мисли ғуломон зиндагикунандаи Россияро низ мегузошт.

Мавқеи душманонаи давлати хонии Хева муддати чандин соли нимаи аввали асри XIX Петербургро ба ташвиш меандохт. Вай ба мақсади таҳти назорати худ қарор додани тиҷорати Россияву Осиёи Миёна аз мавқеи ҷуғрофии худ истифода бурданӣ мешуд. Хони Хева ба роҳи корвон дастаҳои мусаллаҳ фиристода, аз тоҷирон баноҳақ боҷ меситонд ва дар сурати эътироз карданашон онҳоро ғорат менамуд; аксар вақт баъди қонеъ кардани талаби ин дастаҳо низ корвон аз тороҷ эмин намемонд. Ғайр аз ин, Хева ба бисёр қавму қабилаҳои қазоқ, ки кайҳо тобеияти Россияро қабул карда буданд, даъвои ҳукмронӣ дошт.

Қисса кӯтоҳ, мавзӯи гуфтушунидҳои дипломатӣ хеле бисёр буд. Илова бар ин, ҳар гоҳ ҳукмронони давлатҳои хонӣ барои кофтукови сарватҳои зеризаминӣ аз ҳукумати подшоҳӣ фиристодани муҳандисон ва техникҳои маъданшиносро хоҳиш менамуданд. Ҳамин тариқа, дар охири асри XVIII амалдори соҳаи маъдан Т.Бурнашев ҳамроҳи А.Безносиков ба Бухоро омад. Д.Телятников бо ҳамон А.Безносиков ва баъдтар Т.Бурнашев ва М.Поспелов ба Тошканд, ки чанд вақт мустақил гардида буд, сафар карданд. Дар вақти сафари охирон кофтуковҳои геологӣ (табиӣ, дар шароити онвақта як дараҷа

[152] Ниг.: масалан, Рожкова М.К., 1963; Ҳидоятов Г.А., 1969.

сатҳӣ) анҷом дода, ба ҳокими Тошканд Юнусхоҷа роҷеъ ба он манбаъҳои табиӣ, ки ӯ умедворӣ дошт, баъзе мадракҳо пешниҳод карда шуд [153].

Дар навбати худ, сафирони Бухоро – девонбегӣ Азимҷон Мӯъминҷонов (солҳои 1815 ва 1819) ва қӯрчибошӣ Мирзо Муҳаммадюсуф (соли 1816) ба Петербург рафтанд. Миссияи дипломатии А.Ф.Негри (солҳои 1820–1821), ки ба ҳайати он табиатшинос Э.Эверсман, капитани штаби генералӣ Е.Мейендорф ва дигарон дохил буданд, ба аморат ташрифи ҷавобӣ овард. Ҳарчанд бастани ягон хел шартномаи танзимкунандаи муносибатҳои Россияву Бухоро (ки ба он ҳамеша ҳукумати подшоҳӣ саъй мекард), муяссар нагардид, сафари А.Негри ба аморат дар инкишофи муносибатҳои байни империяи Россияву Бухоро ва дар бобати бо ҳам шиносо шудани ин ду давлат ба эътибори як марҳалаи наве аҳамият пайдо намуд.

Мубодилаи намояндагони мухталиф дар байни Россия ва давлати хонии Хӯқанд низ дорои чунин аҳамият буд. Аз он ҷӣ, ки дар таърихи ҳарду давлат нақше гузоштааст, пеш аз ҳама, ба водии Фарғона сафар кардани Ф.Назаров (солҳои 1813–1814) ва Н. Потанинро (солҳои 1829–1830), ки илмро бо маълумоти роҷеъ ба маҳалли номашҳур ғанӣ гардонидаанд, бояд хотирнишон намуд. Дар солҳои 1823–1829 сафирони хони Хӯқанд Муҳаммадалихон – Турсунхоҷа Найзаҳоҷинов ва Ҳоҷӣ Миркурбон Мамадқосимов аввал ба Омск ва сипас ба Петербург фиристода шуданд.

## Тавсеаталабии Британия дар Осиёи Миёна ва рақобати Англияву Россия

Инкишофи муносибатҳои мутақобилаи тиҷоративу сиёсии байни Россия ва давлатҳои Осиёи Миёна аз ибтидои асри XIX бо мудохилаи қувваи севум ба мушкилот рӯ ниҳод. Ба қадре, ки империяи Британия мавқеи худро дар Ҳиндустони забткардааш мустаҳкам намуда, торафт ба тарафи шимол пеш мерафт, ҳукумати подшоҳиро бими аз даст рафтани мавқеъҳои дар Осиёи Миёна пайдо кардааш фаро мегирифт. Мулкҳои мустамликавии Англия дар Осиё бо Бухоро, Хева ё Хӯқанд ҳамҳудуд набуданд, вале ҳукумати Лондон саъй мекард, ки Афғонистонро ба майдони амалиёти таҷовузкоронаи зидди ин давлатҳои хонӣ ва пойгаҳи тавсеаталабии иқтисодии худ табдил диҳад.

Ф.Энгелс таъкид менамояд: «Мавқеи ҷуғрофии Афғонистон ва хислати ба худ хоси мардуми он ба ин мамлакат дар кору бори Осиёи Марказӣ чунон аҳамияти сиёсӣ бахшидааст, ки ба он баҳои барзиёд додан муҳол аст»[154]. Дар зарфи тамоми асри XIX ва ибтидои асри XX ба мардуми далери афғон лозим омад, ки баҳри истиқлолияти худ зидди асоратгарони англис сахт мубориза барад. Ҳукумат ва буржуазияи Британия ҳамоно дар орзуи вусъат додани мулкҳои мустамликавӣ ва ба даст овардани бозорҳои нав буданд. Ба ин ният онҳо ба Осиёи Миёна ҳар гуна ҷосусонро мефиристоданд. Вазифаи ҷосусиро ҳам мусулмонони дар мактабҳои махсуси мулкҳои британии Ҳиндустон

---

[153] Доир ба нашри маълумоти ҳангоми ин сафар ҷамъшуда ниг.: «Сибирский Вестник», қ. 4, 1818, с. 111–180, инчунин «Вестник Русского географического общества за 1851», қ. 1, СПб, 1851, VI, с. 1–44.
[154] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч., т. 14, с. 77.

таҳсилдида ва ҳам англисҳои гоҳо мақоми баланди идориро ишғолкарда бачо меоварданд. Аксар вақт ин ҷосусон ба қиёфаи тоҷир, зоир ва сайёҳи кунҷков даромада, амалан ба дасисакориҳои сиёсӣ машғул мешуданд ва барои ба тарафи Англия моил сохтани доираҳои ҳукмрони давлатҳои Осиёи Миёна ба яке инъом ва ба дигаре ваъдаи кумаки ҳарбӣ ё сиёсӣ медоданд ва дар айни замон онҳоро муттасил ба муқобили Россия таҳрик менамуданд.

Дар солҳои 1812–1813 ба Осиёи Миёна аз байни мусалмонони ҳинду бо роҳбарии Мириззатулло гурӯҳи ҷосусон фиристода шуд. Ин гурӯҳ маълумоти ҳарбии стратегӣ ва тиҷоратӣ ҷамъ мекард ва инчунин музокироти сиёсӣ ба амал меовард. Дар нимаи аввали солҳои 20-ум фаъолияти миссияи В.Муркрофт ва Ҷ.Требек ба вуқӯъ пайваст, ки ҳадафи асосии он аморати Бухоро буд. Дар ибтидои солҳои 30-юм ҷосуси машҳури британӣ, Александр Борнс ба Осиёи Миёна омада, ба таҳқиқи аморати Бухоро ва масъалаҳои ҳарбию тиҷоратӣ машғул шуд.

Дар нимаи солҳои 20-ум бисёр молҳои англисӣ аз Ҳиндустон ба Осиёи Миёна оварда мешавад. Соли 1836 сафири Бухоро хабар дода буд, ки англисҳои «чанд вақт инҷониб барои барқарор кардани муносибатҳои наздики тиҷоратӣ саъйкунанда» ба наздикӣ боз ҷосусони худро ба Бухоро фиристоданд ва фармуданд, ки «қарордоде банданд, то дар асоси он англисҳо тавонанд ба онҳо тамоми колоҳои лозимаро ба тарзи барои бухориён хеле муфид муҳайё созанд»[155].

Ба Петербург ва Оренбург, ки маркази асосии тиҷорати Россия бо Бухоро, Хева ва Хӯқанд ба шумор мерафт, дар хусуси ба давлати хонӣ бо нархи хеле арзон мол овардани соҳибкорони британӣ хабарҳои изтиробовар мерасиданд. Ин молҳо дар вақтҳои аввал ба дараҷае арзон фурӯхта мешуданд, ки ҳатто бар зиёни соҳибонашон буданд. Ин тадбире буд, ки ба воситаи он мехостанд бозори маҳаллиро ба тарафи худ кашида, маснуоти ҳарифро аз он ҷо танг карда бароранд.

Ин амал чунин маъние дошт, ки таҳдиди Англия нисбат ба Россия ба худ ранги воқеӣ гирифта, ба ҷойи аз ҳама нозуки он – ба муносибатҳои тиҷоратиаш бо давлатҳои Осиёи Миёна бармехӯрад. Ба ин ваҷҳ губернатори ҳарбии Оренбург В.Перовский қарор дод, ки ба калонтарин давлати Осиёи Миёна – аморати Бухоро барои ошно шудан ба вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии он ҷо шахсони муътамади худро фиристонад.

Аз моҳи декабри соли 1833 то моҳи июни соли 1834 П. Демезон ва дар соли 1836 Я. Виткевич бо чунин вазифаи нимрасмӣ ба назди ҳукуматдорони амирӣ азимат намуданд. Я.Виткевич дар натиҷаи ин сафари дур хулосаи андаке таскиндиҳанда баровард. Дар гузоришоти аз гуфтаҳои ӯ тартибдодаи В.Дал изҳор мегардид, ки инкишофи тиҷорати Англияву Бухоро амалан пешомади муҳимме надорад. Дар аморат чизе нест, ки англисҳо бихаранд, кашондани оҳан ва маснуоти филизӣ, ки бухороиён эҳтиёҷ доранд, барои англисҳо кори хеле душвор аст. Аммо Россия дар тиҷорат ба Бухоро ва дигар кишварҳои шарқ нисбат ба ҳарифи худ имконоти бештаре дорад. Я.Виткевич гузоришоти худро бо чунин суханон ба поён мерасонад: «Мо, баръакс, метавонистем доираи тиҷорати худро то худи Мӯлтон вусъат диҳем ва саноатдорони

---

[155] Иқтибос аз Рожкова М.К., 1949, с. 221. Инчунин ниг.: Жуковский С.В., 1915, с. 109.

англисро аз тамоми Осиёи Миёна берун кунем. Роҳи мо наздиктар аст, маҳсулот ва молҳои мо бозоргир ва машҳуранд ва мо метавонем аз Осиёи Миёна ашёи зиёде, ки дар байни онҳо пахта ҳамеша ҷойи аввалро ишғол менамояд, ворид созем. Кам кас медонад, ки молҳои мо дар саросари Осиёи Миёна, то худи Ҳиндустон, назар ба молҳои англисӣ арзиши баланд доранд»[156].

Аммо амалдорони олимақоми ҳукумати подшоҳӣ инро он қадар бо хушҳолӣ истиқбол накарда, мисли пештара бо биму ҳароси зиёде амалиёти ҳарифонро дар кишварҳои ҳамсоя муроқибат мекарданд. Рафти воқеа ҳақ будани онҳоро собит намуд. Соли 1839 империяи Британия ба тахти салтанати Кобул шоҳи лӯхтакмонанд Шуҷоулмулкро нишонда, қисмати муҳимми Афғонистонро ишғол намуд.

Вазъият дар давраи ҷанги якуми Англияву Афғонистон (1838 – 1842) хеле тундутез гардид. Англисҳо ба Осиёи Миёна на фақат ҷосусони зиёдеро мефиристоданд, балки гузаргоҳу роҳҳои ҳудуди ин сарзаминро ҳаматарафа меомӯхтанд. Дар байни доираҳои ҳукмрони Британия масъалаи забти маҳалҳои шимоли Ҳиндукуш ва «ҳаракати минбаъда ба сӯйи Бухоро»[157] мавриди муҳокима қарор мегирифт. Дар натиҷа ду роҳи ҳаракати қӯшунҳои британӣ – яке ба воситаи Эрон ва дигаре ба воситаи Афғонистон пешбинӣ карда шуд [158].

Дар ин вақт шаҳри Ҳирот ба маркази фаъолияти ҷосусии англисҳо табдил ёфт. Ҷосусони британӣ ба Хева, Бухоро, Хӯқанд ва нишемангоҳҳои мардуми кӯчӣ сар медароварданд. Дар Оренбург овозае паҳн шуд, ки англисҳо дар нияти ишғол кардани Бухоро ва Хева мебошанд. Ба Бухоро ҷосусони озмудаи англис Стоддарт ва баъдтар Конолли фиристода шуданд, ки мебоист дар хусуси амалиёти якҷояи зидди русҳо шартнома мебастанд (Конолли пеш аз ин ба Хева ва Хӯқанд рафта буд). Дигар ҷосуси британӣ Д.Аббот дар Хева амал намуда, ин давлатро ба доираи сиёсати Англия кашидан ва ба муқобили Бухоро, ки ба фишори англисҳо эътино надошт, таҳрик кардан мехост. Аббот ҳамчунин доир ба хатти сарҳаддии русҳо маълумот ҷамъ мекард. Оқибат дар сари ин кори ҷосусӣ дастгир гардида, ба Англия ронда шуд. Англисҳо ба ҷойи ин ҷосуси шикастхӯрда Р.Шекспир ном шахси дигареро фиристоданд, ки айнан ҳамон вазифаро бояд адо мекард [159].

Намояндагони Лондон дар аморати Бухоро муваффақияти калон ба даст оварда натавонистанд. Стоддарт ва Конолли ҳангоми дар ин мамлакат буданашон ба дараҷаи кофӣ назокати дипломатӣ зоҳир накарданд. Ин буд, ки амир Насруллои худраъй онҳоро аввал ба зиндон андохт ва сипас ба қатл расонид (1842).

Ҳукумати подшоҳӣ ба мақсади беасар намудани амалиёти фаъолонаи ҳарифони хатарноки худ ба давлати хонӣ ҳайати сафорат фиристод. Ин тадбир аз он сабаб ҳам салоҳ буд, ки сафирони Хева Отаниёз Хоҷараис муфтӣ ва аз паси ӯ Эшниёз Мамадниёзов, инчунин сафири Бухоро Муқимбек Саидов ба

---

[156] Ар. АФ СССР, Ленинград, ф. 56, оп. I, д. 19, в. 30–37.
[157] Rawlinson H., 1875, с. 157/
[158] Wolf J., 1846, с. 346-348.
[159] Дар ин бора ниг.: Халфин Н.А., 1958.

Россия омада буданд. Аз ин рӯ, ба тариқи ташрифи ҷавобӣ ба ин кишварҳо сафирони давлати рус П.Никифоров, ки баъдтар ӯро Г.Данилевский иваз намуд ва К.Бутенев бо ҳамроҳии шарқшинос Н.Хаников, табиатшинос А.Леман ва дигарон фиристода шуданд.

Дар солҳои 1841–1842 дипломатҳои рус бо ҳукуматдорони давлатҳои хонӣ доир ба масъалаҳои гуногуни тиҷоративу сиёсӣ гуфтушунид карданд. Зоҳиран, ҳама кор мувофиқи дилхоҳи онҳо анҷом меёфт. Хони Хева Раҳимқул, ки пас аз фавти падараш Оллоҳқулихон дар моҳи ноябри соли 1842 ба тахти салтанат нишаста буд, барои муҳр гузоштан ба «уҳдадоринома»-и пешниҳодкардаи Данилевский ризоият дод. Дар ин санад эълон карда мешуд, ки «соҳибдавлати Хоразм» ҳамеша сулҳу сафо ва дӯстиро бо Россия пос хоҳад дошт, асирон ва амволи ғасбкардаашро пас хоҳад дод; боҷи молҳои тиҷоратии Россия аз 5 фоизи арзиши воқеии онҳо болотар нахоҳад шуд, корвонҳои «транзит» бошанд, тамоман аз боҷ озод хоҳанд буд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар ҷавоби ин хусуматҳои пешинаро тамоман «ба дасти фаромӯшӣ супурд», ба амният ва ҳимояи тоҷирони Хева замонат дода, барояшон ҳама гуна имтиёзотеро, ки «тоҷирони дигар мамолики Осиё» аз онҳо бархурдор буданд, паҳн намуд[160].

Хабарҳое, ки аз Бухоро мерасиданд, он қадар боиси дилхушӣ набошанд ҳам, навмедкунанда набуданд. Амир Насрулло, ки навакак дар лашкаркашии навбатии худ ба Хӯқанд зафар ёфта буд, аз имзо кардан ба «уҳдадориномаи» мушобеҳ сар кашид, вале умуман К.Бутенев ва ҳамроҳони ӯро бо камоли меҳмоннавозӣ пазироӣ карда, ҳатто ба онҳо иҷозат дод, ки ба Самарқанд ва Қаршӣ ташриф баранд. Вай ҳамчунин изҳор намуд, ки сафорати худро дар Петербург бо тамоми ваколати лозима омода хоҳад сохт.

Бо вуҷуди ин, ҳукумати Россия хеле дилсард ва навмед гардид. Ин на фақат аз он сабаб буд, ки намояндаи дар моҳи июни соли 1842 ба Оренбург омадаи амир Насрулло – Худоёрбек Қиличалӣ Гинаков ҳамагӣ фақат унвони қаравулбегӣ (унвони нисбатан паст дар силсилаи мартабаҳои Бухоро) дошт ва намехост қоидаҳои муқаррарии русуми дипломатиро риоят кунад. Бинобар ин, дере нагузашта ӯ маҷбур шуд, ки ба ватан баргардад.

Ҳукуматдорони подшоҳии рус ба чунин хулосае омаданд, ки сабти ҳуҷҷатии ягон мувофиқат бо ҳукмронони давлатҳои хонӣ фоидае надорад. Дар мукотибаи амалдорони олимақоми Петербург ва дигар маҳалҳо баён ёфтааст, ки ин ҳукмронони мустабидди шарқ «аз тартиботи маъмулӣ бехабаранд» ва ба риоя намудани мувофиқати ҳосилшуда, ҳатто агар ба тариқи лозимӣ сурати расмӣ пайдо карда бошад ҳам, азме надоранд. Ин ақида дар ҳақиқат ҳам, вақте ки соли 1858 сафорати нави рус бо сардории Н.Игнатев ба Хева (ва сипас ба Бухоро) омад, собит гардид.

Норизоятӣ ва ташвишу изтироби Петербург боз аз он ҳолат ҳам қувват мегирифт, ки буржуазияи англис ва ҳукумати вайро тарафдорикунандаи империяи Британия аз нақшаҳои пойдор намудани ҳукмронии иқтисодию сиёсии худ дар Осиёи Миёна тамоман даст накашида буд. Баръакс, дар солҳои 40-ум экспансияи тиҷоратии соҳибкорони англис дар давлатҳои Осиёи Миёна

---

[160] Ар. внеш. полит. России, саридораи архиви Санкт Петербург, П-10, д. 1841-2: инчунин ниг. «Сборник материалов для завоевания Туркестанского края», т. IV, Тошканд, с. 106–107.

хеле тақвият ёфта, ба фурӯши молҳои Россия душвориҳои ҷиддӣ ба миён овард.

Масалан, П.И.Неболсин пас аз суҳбат бо тоҷирони Бухоро навишта буд: «...англисҳо бо қасди тамоман касод кардани молҳои рус дар соли 1841 ва хусусан дар соли 1842 ба Бухоро чунон ба миқдори зиёд маснуоти худро оварда, онҳоро бо чунон нархи арзон (чи навъе ки мегӯянд, ҳатто бар зиёни худ) ба фурӯш гузоштанд, ки тамоми мардум ба ин молҳои нав дарафтода, дигар ба читу чалвору моҳути мо эътиборе надоданд. Англисҳо бо ин васила тоҷирони моро дур карда, пас аз як-ду сол нархи молҳои худро якбора беш аз ду баробар боло бардоштанд»[161].

Капиталистони Лондон, Ливерпул, Манчестер ва дигар шаҳрҳои Англия борҳо ин тавр амал карданд. Ин қабил усулҳо барои азхуд кардани бозорҳои Осиёи Миёна, хусусан вақте ки империяи Британия Синд (1843) ва сипас Панҷобро (1846–1849) ишғол карда, ба ҳудуди шимолии Ҳиндустон баромад, пайгирона ба роҳ андохта шуданд. К.Маркс ва Ф.Энгелс «ҳамлаи тиҷорати Англияро ба Осиёи Дарунӣ» дар нимаи дувуми солҳои чилуми асри XIX махсус таъкид кардаанд. Ф.Энгелс хотирнишон менамояд: «Метавон бо ҷуръат тасдиқ намуд, ки то ҷанги Афғонистон ва то ишғоли Синду Панҷоб тиҷорати Англия бо Осиёи Дарунӣ тақрибан ба сифр баробар буд. Акнун кор ранги дигар гирифтааст. Зарурати ҷиддии муттасил вусъат додани тиҷорат – ин Fatum (қисматест), ки мисли рӯъё Англияи имрӯзаро таъқиб мекунад... ин зарурати ногузир тиҷорати Англияро водор месозад, ки дар як вақт аз ду тараф ба Осиёи Дарунӣ ҳамла оварад: аз тарафи Ҳинд ва аз тарафи баҳри Сиёҳ. Ҳарчанд ки мо дар бораи ҳаҷми содироти русҳо ба ин қитъаи олам маълумоти хеле кам дорем, ба ҳар ҳол аз рӯйи амри воқеии афзоиши содироти англисҳо метавонем ба хулосае оем, ки эҳтимол тиҷорати русҳо дар он ҷо хеле кам гардида бошад»[162].

Ф.Энгелс саҳв накарда буд: маснуоти Британия маснуоти Россияро дар давлатҳои хонӣ хеле тазйиқ намуд. Департаменти тиҷорати хориҷии Россия дар соли 1845 кам шудани содироти молҳои ватаниро ба Осиёи Миёна, ки сабабгори он «ба бозори Бухоро бештар кашонда шудани молҳои нисбатан арзонтари Ост-Индия ва Англия» мебошад, қайд кардааст. Дар ҳисоботи ин департамент барои соли 1847 чунин суханон зикр шудаанд: «Созгории молҳои англисӣ бо бозорҳои Бухоро ва Хева ба фурӯши фоиданоки газворҳои пахтагӣ ва дигар молҳои русӣ мамониат намуд»[163].

Ин ҳуҷуми иқтисодии Британия тоҷирони Россияро низ бисёр ба ташвиш андохт. Яке аз тоҷирон Ф. Пичугин дар соли 1848 шикоят кардааст, ки «англисҳо сармояи худро дареғ надошта... ба Осиёи Миёна наздик мешаванд ва мо дар ин бозорҳо молҳои англисиро бисёр вомехӯрем»[164]. Дар бисёр мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои онвақтаи Россия ҳамин гуна ташвишҳо иброз гардидаанд. Экспансияи тиҷоратии империяи Британия воқеан ҳам бо иқдомоти ҷиддии сиёсии вай дар ин роҳ тавъам буд.

[161] Неболсин П.И., 1865, с. 216.
[162] Маркс К. и Энгелс Ф., Соч., т. 9, с. 12–13.
[163] Рожкова М.К., 1949, с. 311.
[164] Ҳамон асар, с. 314.

Дар солҳои 50-ум ин хавф боз ҳам зиёдтар гардид. Мустамликахоҳони британӣ дар мубориза бо Россия барои барқарор намудани ҳукмронии худ дар Осиёи Миёна аз давлати Туркияи усмонӣ ҳам истифода мебурданд. Доираҳои ҳукмрони Туркия низ дар замири дил орзуи дар тамоми «мамлакатҳои исломӣ», аз ҷумла дар Осиёи Миёна мустаҳкам кардани мавқеи худро мепарвариданд. Ҳанӯз дар соли 1851 намояндагони Туркия ба мақсади сохтани истеҳкомоти туркҳо дар давлати хонии Хева дохили музокирот шуданд, ки зимнан сохтани истеҳкомоти англисҳо низ дар назар дошта мешуд. Фаъолияти шабакаи ҷосусии Англия ва Туркия алалхусус, ба муносибати ҷанги Қрим хеле вусъат ёфт. Фиристодагони махфии Туркия он вақтҳо баёнияи султони туркро, ки давлатҳои Осиёи Миёнаро ба ҳуҷуми зидди Россия даъват мекард, оварда буданд. Ин гуна воқеаҳо кам содир намешуданд. Англия ва Туркияи иғвододаи вай борҳо саъю кӯшиш намуданд, ки шиори «ғазовоти» иттиҳоди се давлати Осиёи Миёна – аморати Бухоро, давлатҳои хонии Хева ва Хӯқандро ба муқобили Россия амалӣ кунанд. Ба замми ин, хавфе ҳам ба миён омада буд, ки Англия ва Туркия ба иттиҳоди сегона ҳамроҳ шуда, бар зидди Россия ҷанг мекунанд.

Аммо дар амал ба Англия ва империяи Усмония бо вуҷуди даст задан ба макру ҳила ба вуҷуд овардани чунин иттиҳод муяссар нагардид. Англия одатан аҳдшиканона амал мекард. Фиристодагони махфии Англия бо амалдорони олимақоми Бухоро ба дӯстӣ ва садоқат савганд ёд карда, дар айни замон ба амири Афғонистон дар муборизаи зидди мулкҳои ӯзбеку тоҷикнишини тахти сарпарастии амири Бухоро қароргирифтаи он сӯйи дарёи Аму кумак мерасониданд. Оқибат дар натиҷаи чунин амалиёт қисми зиёди тоҷикон ва ӯзбеконе, ки аз қадим дар соҳили чапи дарёи Аму (ноҳияҳои шимолии Афғонистони кунунӣ) зиндагӣ мекарданд, ба тоаври сунъӣ аз бародарони ҳамхуни дар Осиёи Миёна будаи худ ҷудо шуда монданд.

Инро ҳам қайд накардан мумкин нест, ки дар Лондон хаёли мудохилаи мусаллаҳонаи зидди давлатҳои хониро тамоман аз сар дур накарда буданд. Чунончи, соли 1858 ҳангоми дар парламенти Англия муҳокима шудани масъалаи вусъат додани экспансияи тиҷоратӣ дар Осиёи Миёна яке аз намояндагони парламент таъкид намуд, ки ҳамин омил «имкони ба ин мамлакат фиристодани қувваҳои мусаллаҳро бештар мегардонад»[165].

Вале мустамликадорон ба амалӣ намудани ин қасду ниятҳои худ муваффақ шуда натавонистанд.

## Тадқиқи илмии давлатҳои Осиёи Миёна

Чунонки гуфта шуд, ҳукуматдорони подшоҳӣ аз натиҷаҳои умумии музокироти намояндагиҳои дипломатии худ дар Бухоро, Хева ва Хӯқанд қонеъ нагардида буданд. Кӯшишҳои истифода бурдани робитаҳои иқтисодӣ барои аз ҷиҳати сиёсӣ барқарор кардани нуфузи томи Петербург дар Осиёи Миёна бо сабабҳои гуногун бароре накард. Вале мо наметавонем дар баҳо додан ба

[165] Муфассалан ниг.: (илова бар асарҳои дар боло иқтибосшуда): Терентев М.А., 1875; Грулёв М., 1909; Кастелская З.Д., 1934; Попов А.Л., 1940 а, 1940 б; Штейнберг Е.Л., 1950; Халфин Н.А., 1959, 1965, 1974; Муҳаммадҷонов А.Р., Неъматов Т., 1957 ва ғ.

муносибатҳои сиёсии империяи Россия бо давлатҳои Осиёи Миёна аз чунин мавқеи маҳдуд ва махсус наздик шавем. Ҳатто агарчи сафари дипломатҳо на ҳамеша боиси расидан ба мақсадҳои пешгузоштаи онҳо мегардид, лекин одатан ба афзоиши беш аз пеши мубодилаи молҳо дар байни давлатҳои номбурда таъсире мекард.

Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки мусофирати сафирон, намояндагиҳо, тоҷирон ва сайёҳони ҷудогонаи рус ба Осиёи Миёна аз дигар ҷиҳат аҳамияти хеле калон дошт. Аксари касоне, ки ба ин тарафҳо сафар мекарданд, одамони фозил ва донишманд буданд ва баъзеи онҳо забонҳои шарқро медонистанд[166]. Дар байни онҳо мутахассисони дараҷаи аввали география ва геология, геодезия ва астрономия, табиатшиносон, шарқшиносон ва забоншиносони пуртаҷриба ҳам буданд.

Дар таҳқиқи натиҷаҳои саёҳат ва таҳлили маводу иттилооти гуногуне, ки тоҷирони Россия ва Осиёи Миёна меоварданд, гули сари сабади илму фанни ватанӣ, аз он ҷумла шарқшиносон ва ҷуғрофидонони маъруфи асри X1X-и рус иштирок менамуданд.

Инак, муъҷизае ба амал омад: дар зарфи камтар аз 50 соли асри XIX Осиёи Миёна аз сарзамини ношинос (terra incognita) ба кишваре табдил ёфт, ки илм дар бораи он бисёр маълумоти дақиқ ба даст овард.

Ба қавли чуғрофидони машҳури рус И.В.Мушкетов, экспедитсияҳои нимаи аввали асри XIX дар тадқиқи ҷуғрофии Осиёи Миёна аҳамияти калонеро молик мебошанд: «...Онҳо материалҳои комилан илмӣ медиҳанд, ки ҳоҷат ба тафсир нест; илова бар мадракҳои камубеш дақиқи нақшабардорӣ, хизмати асосии ин тадқиқот иборат аз он аст, ки онҳо моро бо хусусиятҳои табииву таърихии ҳавзаи Туркистон шинос менамояд»[167].

Дар вақти ин сафару саёҳатҳо роҷеъ ба халқҳои Осиёи Миёна, таърих ва маданияти онҳо низ мадракҳои фаровон ва гуногун (агарчи қисми зиёди онҳо он қадар мураттаб набуданд) ҷамъоварӣ карда шуданд. Мумкин аст гуфт, ки таҳқиқи этнографии мардумони Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIX шурӯъ гардида буд. Аз мадракҳои дар нашрияҳои мухталиф ва каммашҳур пароканда ва ё дар ҷузвдонҳои архив нигоҳ дошташуда дар бораи тарзи зиндагӣ, маданияти моддӣ ва баъзе ҷиҳатҳои маданияти маънавии халқҳои Осиёи Миёна: тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо ва қарақалпоқҳо метавон тасаввур пайдо намуд. Афсӯс, ки қисми муҳимми ин мадракҳо дар тадқиқоти этнографии муосир хеле кам ё ҳатто тамоман истифода нашудаанд.

Омӯзиши забони халқҳои Осиёи Миёна бо эҳтиёҷоти амалӣ алоқаманд буд. Дар айни замон ба тадқиқи илмии ин забонҳо низ ибтидо гузошта шуд. Дар қисмати забони тоҷикӣ чунин хидматро яке аз шарқшиносони намоёни рус В.В.Григорйев адо кардааст.

Дар ҳисоботи сайёҳон ёдгориҳои ҷудогонаи санъати меъмории Осиёи Миёна бисёр зикр шуда ва ё мухтасаран тасвир ёфта, лавҳаи баъзе аз онҳо сабт гардидаанд, инчунин тавсифи биноҳои иқоматӣ оварда мешавад. Аз ин қабил

---

[166] Беҳтарин шарҳи иҷмолии саёҳат ва экспедитсияҳои русҳо ба Осиёи Миёна дар солҳои 1715–1886 таълифоти зерин аст: Жуковский С.В., 1915; Маслова О.В., 1955, 1956, 1962, 1971.

[167] Мушкетов И.В., 1915, с. 126. Барои тафсили муваффақиятҳои нақшабардории Осиёи Миёна – ниг.: Федчина В.Н., 1967, с. 78–103.

навиштаҷоти кӯтоҳ метавон маълумоти пурарзиш барои таърихи санъати меъмории Осиёи Миёна ба даст овард.

Қариб ҳар як сайёҳ вазъу тартиби идории давлатҳои хониро камубеш батафсил баён карда, тавсифи ин ва ё он ҷиҳати ҳаёти иқтисодии онҳоро низ овардааст. Асари Н.В.Хаников «Тавсифи давлати хонии Бухоро» (1843) аз беҳтарин таълифотест, ки дар ин мавзӯъ ба вуҷуд омадаанд. Вақте ки Н.В.Хаников ба Осиёи Миёна сафар кард, синни ӯ ҳанӯз ба 22 нарасида буд. Ӯ баъди хатми литсейи Сарскоселск аз тариқи худомӯзӣ шарқшинос гардид. Истеъдоди фитрӣ, кунҷковӣ ва мушоҳидакорӣ ба ҷавони донишдӯст имкон доданд, асаре таълиф намояд, ки бо хусусиятҳои барозандаи худ – тасвири ҳамаҷониба ва амиқи аморати Бухоро – касро то кунун ба ваҷд меорад.

Дар китоби Н.В.Хаников ва асарҳои дигар муаллифон доир ба таърихи маҳалҳо, шаҳрҳо ва давлатҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна мадракҳои муҳим зикр ёфтаанд. Дар айни замон, сайёҳон аз ин сарзамин дастнависи асарҳои гуногуни таърихӣ ва адабии ба забонҳои арабӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекӣ таълифёфтаро низ бо худ мебурданд, ки баъдтар чанде аз онҳо нашр гардид. Масалан, дастнависи «Таърихи Муқимхонӣ», ки сафорати рус соли 1821  аз Бухоро бурда буд, интихобан (матни аслӣ, тарҷумаи фаронсавӣ) бо шарҳи О.И.Сенковский ба табъ расонида шуд. Ба қавли В.В.Бартолд, ин асар дар нашри яке аз «саромадони шарқшиносии рус» профессор Сенковский барои аврупоиён муддати дарозе ҳамчун ягона манбаи таҳқиқи аморати Бухоро хизмат намуд[168]. Дар соли 1834 академик Х.Д.Френ барои кумаки сайёҳони рус феҳристи асарҳои муаллифони шарқро, «ки ба ҷустуҷӯи дастнависи аслӣ ва ё нусхаҳои он машғул шудан лозим меомад», интишор дод. Ин феҳрист, ки чанд бор нашр гардид, дар ҷамъоварии дастнависҳои шарқӣ роли муҳим бозид. Донишманди ҷавон Н.В.Хаников низ аз Бухоро дастнависҳои зиёдеро пайдо карда, ба Россия бурд. Соли 1858 дар ҳайати намояндагии дипломатии Н.П.Игнатйев шарқшиноси машҳури рус П.И.Лерх ба Хева ва Бухоро омада, маҷмӯи тамоми дастнависҳоро ҷамъ намуд. Дар як вақт сиккаҳои гуногуни зарби Осиёи Миёна низ бурда мешуданд.

Тадқиқи таърих ва маданияти Осиёи Миёна яке аз муҳимтарин равияҳои шарқшиносии рус гардид. Намояндаи маъруфи ин равия академик Х.Д.Френ мадракҳои пурарзиши сиккашиносиро таҳқиқ ва нашр намуд, матни туркии асари Абулғозӣ «Шаҷараи туркон ва муғулон»-ро ба табъ расонид. И.Н.Березин «Шайбониномa» ва Н.И.Илминский «Бобурнома»-ро чоп карданд. В.В.Григорйев, В.В.Веляминов-Зернов, Я.В.Хаников бисёр манбаъҳои пурбаҳои русӣ ва маҳаллиро роҷеъ ба таърихи Осиёи Миёна бо шарҳу тафсири худ интишор намуданд. В.В.Веляминов-Зернов, В.В.Григорев, В.Г.Тизенгаузен ва дигарон муддати зиёде ба таҳқиқи сиккаҳои Осиёи Миёна машғул шуданд. Тавассути асарҳои ин олимон нахустин бор тарҳи давраҳои ҷудогонаи таърихи асримиёнагӣ ва нави Осиёи Миёна дар пеши назар ҷилвагар гардид. Н.Я.Бичурин (Иакинф) дар омӯзиши таърихи бостони Осиёи Миёна саҳми бебаҳое гузошт. Хулласи калом, дар нимаи аввал ва миёнаҳои асри XIX як зумра донишмандони рус дар соҳаи таҳқиқи таърихи Осиёи

168 Бартолд В.В., 1977, с. 430.

Миёна корҳои пурсамаре анҷом доданд[169]. Тоҷикон, ӯзбекон, қирғизҳо, туркманҳо ҳамеша ин олимони забардасти русро, ки на фақат дар гузоштани асоси тадқиқи илмии Осиёи Миёна, балки дар устувор намудани дӯстии халқҳои Осиёи Миёна ва халқи рус иқдомоти шоистае кардаанд, бо ҳисси эҳтиром ва сипосгузорӣ ёд мекунанд.

* * *

Даврае, ки мо мавриди тадқиқ қарор додаем, яке аз сахттарин давраҳои таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад. Дар ҳамин давра байни давлатҳои мухталиф тақсим шудани халқи тоҷик анҷом меёбад. Бо таъсиси давлати Афғонистон қисми зиёди тоҷикон, ки аслан дар хоки Афғонистони кунунӣ иқомат доштанд, ба таври сунъӣ аз тоҷикони сокини Осиёи Миёна ҷудо карда шуданд [170]. Аксарияти тоҷикони Осиёи Миёна дар шаҳрҳои гуногуни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд, дар водии Фарғона, воҳаи Бухоро ва ғ., дар мулкҳои ниммустақили кӯҳистонии сарзамини Тоҷикистони ҳозира (Қаротегин, Дарвоз, Вахон, Шуғнон ва ғ.), миқдори ками онҳо дар шаҳрҳои хонияи Хева ва давлатҳои хонии қазоқ (Авлиёато, Чимкент ва ғ.), дар Туркистон – дар давлати хоҷагони Кошғар (Кошғар, Хутан ва ғ.) сукунат доштанд. Дар шимоли Ҳиндустон ва Хуросони ба Эрон гузашта низ бисёр маҳалҳои тоҷикнишин мавҷуд буданд.

Ҳамин тариқа, дар миёнаҳои асри XIX вилоятҳое, ки тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна маскун буданд, ба ҳар мамлакат ва давлатҳои хонӣ пароканда гардиданд.

Ба сабаби сар задани буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Осиёи Миёна шароити иҷтимоӣ боз ҳам бадтар шуд.[171] Дар миёна ва чоряки севуми асри XVIII буҳрон ба нуқтаи баланди худ расид. Ҳарчанд баъзе тадбирҳои марказиятдиҳӣ ва як андоза беҳтар кардани вазъи обёрӣ, ки дар ибтидо ва нимаи аввали асри XIX дар се давлат – аморати Бухоро, давлатҳои хонии Хӯқанд ва Хева ба амал омад, қадре зуҳуроти шадиди ин буҳронро фурӯ нишонда бошад ҳам, онро тамоман аз байн бурда наметавонист.

Нуфузи ниҳоят зиёди дар байни оммаи забун ва гумроҳ пайдокардаи рӯҳониёни ислом, хусусан шайхони дарвешӣ ба завол ёфтан ва пӯсидани низоми феодалӣ мусоидат мекард. Чунонки И.С.Брагинский ҳаққонӣ гуфтааст: «...вазъи фавқулодаи сахти хоҷагӣ ва маданӣ ва ҳоли табоҳи оммаи заҳматкаш дар миёнаи асри XIX на фақат зуҳури аз қаър заволёбии муддати асрҳо дар

---

169 Ҳанӯз асари мукаммале, ки саҳми дар таҳқиқи Осиёи Миёна гузоштаи илми русро дар нимаи аввал ва миёнаҳои асри XIX бо ҷузъиёташ нишон медода бошад, ба вуҷуд наомадааст: Баёни мухтасараи нисбатан боэътибор – Бартолд В.В., 1925; Крачковский И.Ю., 1958.

170 Мо дар боло роҷеъ ба кӯшишҳои амирони Афғонистон барои истило намудани заминҳои соҳили чапи дарёи Аму, ки пештар ба давлатҳои Осиёи Миёна тааллуқ доштанд, сухан ронда будем. Амалиёти ҷиддии ишғолгарии феодалони афғон дар солҳои 50-уми асри XIX, пас аз он ки мулкҳои вилояти Балх ба сифати музофоти Туркистони Афғон ба ҳайати давлати Афғонистон ҳамроҳ карда шуданд, шурӯъ гардид. Бо вуҷуди муқовимати далеронаи тоҷикон ва ӯзбекон ҳукумати Афғонистон аз он сабаб ба ин истило муваффақ шуд, ки дар ин ҷо порокандагии феодалӣ ҳукмфармо буд, ҳокимони маҳаллӣ бо ҳам хусумат варзида, ҷангу пархош мекарданд, аморати Бухоро, ки ин мулкҳо пештар тобеи он буданд, худ дар натиҷаи низоъҳои феодалӣ заиф гардида, ба ин мулкҳо кумаки ҷиддии ҳарбӣ расонида наметавонист.

171 Брагинский И.С., Раҷабов С.А., Ромодин В.А., 1953, с. 23–26.

Осиёи Миёна давомдошта мебошад, балки дар айни замон зуҳури ба худ хоси зиддиятҳои байни қувваҳои истеҳсолкунандаи бо вуҷуди ҳар гуна душвориҳо пешрафта ва муносибатҳои истеҳсолии ишкелзанандаи давраи таназзули феодализм аст, ки ба харобшавии қувваҳои истеҳсолкунанда оварда мерасонид»[172].

Асри XVIII дар Осиёи Миёна давраи дар натиҷаи буҳрони сахти иҷтимоӣ ва хоҷагӣ ақиб рафтани қувваҳои истеҳсолкунанда мебошад. Дар асри XIX ба ҷунбуҷӯш даромадани тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мушоҳида мешавад, ки дар ин бобат робитаҳои иқтисодии Осиёи Миёнаву Россия роли муҳим бозидаанд. Дараҷаи баланди тараққиёти касбу ҳунар, алалхусус дар шаҳрҳо, инчунин равнақи тиҷорат нишон медиҳад, ки дар системаи форматсияи феодалии Осиёи Миёнаи асри XIX истеҳсоли мол ва гардиши пул мавқеи калонеро ишғол менамуд [173]. Дар айни замон қисми асосии аҳолии давлатҳои Осиёи Миёна, махсусан аҳолии кӯчӣ ва муқимии деҳот ҳамоно дар шароити хоҷагии соф натуралӣ ва ё нимнатуралӣ зиндагӣ мекард. Тамоми системаи истеҳсолот ва муносибатҳои иҷтимоӣ асосан феодалӣ буд. Баъзе падидаҳои муносибати буржуазӣ (чунин тамоюлот ба назар мерасид) дар ин шароит ягон қадар ҳам инкишоф ёфта наметавонист. Дар боло роҷеъ ба комёбиҳои соҳаи истеҳсолот ва тиҷорат сухан ронда шуд. Аммо бино ба гуфтаҳои Ф.Энгелс, ки комилан ба Осиёи Миёна ҳам татбиқшаванда аст: «Ҳамаи ин муваффақиятҳои истеҳсолоту муомилот, дарвоқеъ, аз рӯйи мафҳуми имрӯза характери хеле маҳдуд доштанд. Истеҳсолот дар ҳамон шакли карахти сирф устохонаи ҳунармандӣ боқӣ монда, бинобарин, худаш ҳам хусусияти феодалиашро ҳанӯз нигоҳ медошт...» муваффақиятҳои тиҷорат низ маҳдуд буданд[174]. Масалан, дар Осиёи Миёна тамоюли пайдоиши бозорҳои вилоятӣ ба зуҳур меояд, вале ин ҳам ба куллӣ сурат намеёбад.

В.И.Ленин хотирнишон карда буд: «Фақат дар давраи нави таърихи рус (тахминан аз асри 17) ҳамаи ингуна вилоятҳо, қаламравҳо ва княжествоҳо ҳақиқатан ба сурати воқеӣ дар як воҳид пайваста шуданд... Сабаби он ин буд, ки мубодила дар байни вилоятҳо рӯз ба рӯз қувват мегирифт, муомилаи молӣ ҳам оҳиста-оҳиста меафзуд, бозорҳои хурд-хурди маҳаллӣ дар як бозори умумии Россия ба ҳам меомаданд. Азбаски роҳбарон ва соҳибони ин протсесс капиталистони савдогар буданд, эҷоди ин алоқаҳои миллӣ танҳо эҷоди алоқаҳои буржуазӣ буд, на чизи дигар»[175].

Дар миёнаҳои асри XIX ин протсесс дар Осиёи Миёна аз ташкили бозорҳои маҳаллӣ ва қисман вилоятӣ дуртар нарафт. Дар чунин шароите, ки хоҷагии натуралӣ бартарӣ дошт ва парокандагии иқтисодию сиёсӣ ҳукмфармоӣ мекард, ба вуҷуд омадани бозори умумӣ дар Осиёи Миёна аз имкон берун буд; давлатҳои хонӣ мавҷудияти худро ҳамчун давлати феодалӣ нигоҳ медоштанд. Вазъияти давлатҳои хонии Осиёи Миёнаро дар нимаи аввали асри XIX метавон бо гуфтаҳои Ф.Энгелс тавсиф намуд: «Вале дар ҳама ҷо, ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот, миқдори чунин унсурони аҳолӣ, ки пеш аз ҳама барҳам додани ҷангҳои

---

[172] Брагинский И.С., 1955, с. 434.

[173] Ин бархилофи ақидаи баъзе муаллифон (масалан, ниг.: Неъматов Н.Н., 1959, с. 71–73) ба калонтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна, мисли Бухоро низ комилан тааллуқ дорад.

[174] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч., т. 21, с. 407.

[175] Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 1, с. 163–164.

бемаънии пайдарпай, бас кардани низоъу нифоқи байни феодалон ва ҷангҳои муттасили дохилӣ, ки ҳатто дар мавридҳои ба мамлакат ворид шудани душмани аҷнабӣ ҳам қатъ намегардид, хотима ёфтани ин ҳолати дар зарфи тамоми давраи асри миёна ҳамеша давом кардаи харобиовариҳои доимӣ ва комилан бемақсадро талаб менамуданд, зиёдтар мешуд»[176].

## 6. МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

Нооромиҳои замона ва ҷангҳои феодалӣ, зулму ситами бераҳмона ва харобиҳои мамлакат тараққиёти маданиятро бозмедоштанд. Албатта, даҳои офаринандагии халқҳои Осиёи Миёна поён намеёфт, вале он дар даврае, ки ҷамъият ба вазъияти таназзули иқтисодӣ ва то ҳадди охир фишор овардану инкор кардани шахсияти инсон афтода, тамоми ҷанбаҳои зиндагиро таассуби динӣ фаро гирифта буд, комилан ба зуҳур омада ҳам наметавонист.

### Бинокорӣ ва меъморӣ

Дараҷаи тараққиёти санъати меъмории Осиёи Миёна алалхусус дар бобати сохтмони биноҳои бошукӯҳ дар давраи мавриди тадқиқ назар ба асри гузашта хеле поин рафт. «Дар нимаи асри XVIII бинокориҳои азими Бухоро аз ҳаракат бозмонд, гӯё ки мавҷудияти худро қатъ карда бошад: дар шаҳри валангор биное сохта намешуд. Ҳатто дар лаҳзаҳое, ки аз охирҳои аср кори сохтмон дубора ба роҳ даромад, тараққиёти он ҳамоно дар савияи нисбатан паст ҷараён меёфт»[177]. Баъзе офаридаҳои меъмории барҷаста, аз қабили бинои мадрасаи халифа Ниёзқул, ки бештар бо номи Чорманор машҳур аст ва силсилаи иморати халифа Худойдод, бо вуҷуди камхарҷии сохтмон ва содагии сабки меъморӣ, аз он ки сохт ва намуди онҳо бо манзараи табиати маҳалли воқеъгаштаи худ мувофиқати комил пайдо кардааст, диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб менамоянд.

Дар Самарқанд якчанд биноҳои калон сохта ва ё сохтмони нимкорамондаи иморатҳои куҳна анҷом дода шуданд. Масалан, дар миёна ва нимаи дувуми асри XIX дар таҳкурсии куҳна бинои масҷиди ҳазрати Хизр сохта, сипас борҳо таъмир ва такмил карда шуд (ин бино намуди ҳозираи худро дар натиҷаи азнавсозии соли 1915 пайдо кардааст). Биноҳое, ки аз охири асри XVIII то миёнаҳои асри XIX дар Хева ва баъзе дигар шаҳрҳои хонии Хева бо вусъати тамом сохта шудаанд, аз ҷиҳати меъморию таърихӣ гуногунранг ва ҷолибтаранд. Дар ин ҷо қасрҳо, корвонсаройҳо, дарвозаҳои шаҳр, мадрасаву масҷидҳо, мақбара ва манораҳо ба вуҷуд омада буданд. Чунончи, қабулгоҳи соли 1855 дар рӯйи ҳавлии Кӯҳнаарк (Хева) сохташуда айвоне дорад, ки бо зарофати сутунҳояш аз тамоми айвонҳои Осиёи Миёна зеботар мебошад. Қасри дуошёнаи Тошҳавлӣ (1832–1841) яксаду шасту се хона, се ҳавлии калон ва панҷ ҳавлии хурдро дар бар мегирад. Ин иморати хеле калон ва мураккаб бо як маҳорати фавқулода тартиб ва танзим ёфтааст.

---

[176] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч., т. 21, с. 409.
[177] Пугаченкова Г.А., Ремпел Л.И., 1965, с. 376.

Дар хонии Хӯқанд низ бинокорӣ вусъати зиёде пайдо карда буд. Дар шаҳрҳои гуногуни ин мамлакат бисёр иморатҳои муҳташам: қасрҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, қалъаву манораҳо, инчунин масҷиду мадраса ва мақбараҳо сохта шудаанд.



Мадрасаи Миролим-додхоҳ. Панҷакент

Соли 1841 яке аз сайёҳони рус навишта буд: «Қасри хони ҳозира бинои дуошёнаи хиштӣ ва хеле зебоест, ки дар маркази шаҳр воқеъ гардида, атрофаш бо боғҳову иморатҳои ба он тааллуқдошта ва деворҳои баланди гилӣ иҳота гардидааст». Дар нимаи дувуми асри XIX қасри нави «ба таври худ хушнамуд» (таъбири А.П.Федченко)[178] сохта мешавад, ки корҳои асосии сохтмони он дар солҳои 1870–1871 анҷом ёфтааст. Тарҳи ин қаср мисли архитектоникаи рӯйи он ҷолиб нест. Рӯйи иморат бо кошинҳои гуногунранг зинат ёфта, дар ороиши он кандакории гаҷӣ истифода шудааст. Бо вуҷуди ороишоти зиёде иморати қаср шакли муназзам ва муҳташам надорад. Дар ин ҷо устодони сафолсози Андиҷон, Чуст, Конибодом, Намангон, Ӯротеппа, Риштон хуб маҳорат нишон додаанд. Мақбараи Модарихон ва Дахмаи Шоҳон (Хӯқанд) тақлидкорона сохта шудаанд, рӯйкаши ин биноҳо аз ҳад зиёд ранггоранг буда, дар онҳо таносуб риоя нашудааст. Масҷиди Хонақоҳ дар Марғелон ва масҷиди Чинорлики 1 дар Хӯқанд бо айвонҳои пурнақшунигори худ хеле назаррабо мебошанд. Мақбараи Хоҷамини Қабрии Намангон (нимаи дувуми

178 Федченко А. П., 1875, с. 44.

асри XVIII) дар санъати меъмории асрҳои XVIII–X1X-и на фақат Хӯқанд, балки тамоми Осиёи Миёна мақоми хосае дорад. Вай, сарфи назар аз баъзе ҷиҳатҳои илтиқотӣ, асосан анъанаи меъмории классикии давраи асри миёнаи Фарғонаро давом медиҳад. Шаклҳои дақиқи меъморӣ ва ороишоти муҷаллал ин обидаро аз тамоми бинокориҳои онвақта фарқ мекунонад.



**Кандакории рӯйи санг. Ибтидои асри XIX. Ӯротеппа**

Дар ҳамин давра дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Панҷакент ва дигар шаҳрҳо низ иморатҳои зиёд сохта шуданд. Масалан, масҷиди Чорбоғи Хуҷанд бо айвони баланд ва нақшунигори зебои сақфи даромадгоҳи худ аз ҳамин қабил ёдгориҳои меъморӣ ба шумор меравад. Вале дар байни бештар аз дусад масҷид ва бисту панҷ мадрасаи Хуҷанд фақат чандтои онҳо аз ҷиҳати меъморӣ мавриди таваҷҷуҳ мебошанд. Аз ёдгориҳои меъмории Ӯротеппа бинои мадрасаи Рустамбек, ки мутаассифона то замони мо боқӣ намондааст, қобили қайд аст. Намои кошинкории он бо суратҳои дар пештоқи иморат кашидашудаи ҳайвоноти асп ё палангмонанди ба муқобили якдигар ҳаракаткунанда зеби махсусе пайдо карда буд. Бинои мадраса дуошёна буда, 49 ҳуҷра дошт, дар ду гӯшаи рӯйи он ду манор мавҷуд буд. Аз сохтмонҳои калони онвақтаи Ӯротеппа мадрасаи Намозгоҳ, айвони тиллокории пойгаҳи қароргоҳи ҳоким дар болои Муғтеппа, ҳаммом ва корвонсаройро, ки аз хишти пухта бино ёфта буданд, метавон зикр кард.

Дар ҳамин давра иморатҳои Регистони Ҳисор, Мадрасаи Нав, мадрасаи Миролим-додхоҳи Панҷакент сохта шудаанд. Тадқиқи ҳамаи ин ёдгориҳои меъморӣ ба чунин хулосае меорад, ки дар сохтмонҳои бошукӯҳи онвақта савияи техникӣ ва меъморию бадеӣ хеле паст гардида будааст.

Аммо дар бинокориҳои оммавӣ манзара тамоман дигар аст. Дар ин ҷо на қатъи анъана ва на таназзул мушоҳида намешавад. Баръакс, маҳз дар ин давра навъҳои маҳаллии манзилҳои Осиёи Миёна комилан ташаккул меёбад. Зимнан

дар тарҳ, ороиш ва масоҳат ду навъи бино–манзили одамони давлатманд ва манзили одамони бенаво аз ҳам тафовути ҷиддӣ пайдо мекунанд. Чор тарафи манзилгоҳ бо деворҳои баланд иҳота карда мешуд. Ба тақозои иқлим дар ҳар манзилгоҳ саҳни ҳавлӣ аҳамияти калоне дошт, зеро сокинони он аксари рӯзҳои солро дар зери сояи дарахтон ва гирди ҳавзи рӯйи ҳавлӣ мегузаронданд. Ҳавлӣ аз ду қисмат иборат буд: ҳавлии дарун ва ҳавлии берун. Дар ҳавлии дарун хонаҳои зист, саисхона ва ғ. ҷой мегирифтанд. Гоҳо ҳавлии махсуси хоҷагӣ ва қитъаи боғ ҳам ҷудо карда мешуд. Ҳамчунин дарвозахона бо дари кандакоришуда низ ба қисми таркибии манзилгоҳ дохил мегардид. Аксаран дар пеши хонаҳо айвон месохтанд. Биноҳо на фақат якошёна, балки дуошёна ва гоҳо сеошёна ҳам буданд.



Кандакорӣ бо гаҷ. Қуммазор. Ноҳияи Қубодиён

Дар бинокориҳои деҳот ҳавлӣ ва қитъаи боғ бо деворҳои баланди гилӣ иҳота гардида, работ ва ё қӯрғон аксар вақт зеварбандӣ карда мешуд. Беҳтарин намунаҳои чунин манзилҳо дар Самарқанд боқӣ мондаанд [179]. Хонаву айвонҳо чунон сохта мешуданд, ки касро дар тобистон аз гармо ва дар зимистон аз сармо муҳофизат мекарданд. Хонаи зист ғайр аз дари асосӣ

[179] Писарчик А. К., 1975, с. 140.

дарича ва тобадон ҳам дошт, ки барои равшаноӣ ва тоза кардани ҳавои хона хизмат мекард. Дар даруни хона барои хӯрокпазӣ оташдону мӯрӣ ва барои гарм шудан дар фасли зимистон сандалӣ мавҷуд буд.



Мадраса дар ноҳияи Ҳисор

Барои ороиши қисмати дохилии сохтмон тамоми навъҳои ҳунари амалии мардум, аз қабили кандакории чӯб, гаҷкорӣ, нақшу нигор ва ғ. истифода бурда мешуд, ки он бо ҷиҳози хона ҳамоҳангии том пайдо мекард. Аммо ин ҳама ба манзили одамони доро мутааллиқ буд. Масалан, шахси давлатманди Хуҷанд Камол Ҷалилов ва Ҳайдар ном бойи Ӯротеппа ҳамин гуна ҳавлӣ доштанд. Мардикороне, ки барои онҳо хизмат мекарданд, дар кулбаҳои ҳақир, баъзан дар заминкану таҳхонаҳо мезистанд. Дар сурате ки он ҳама биноҳои муҳташам ва он ҳама осори ҳунари амалӣ, ки дар боло зикр гардид, бо ранҷи дасти онҳо ва бародарони ҳамқисматашон ба вуҷуд омадаанд. Дар шеъре, ки ба як бинокори гулдасти Фарғона бахшида шудааст, гуфта мешавад, ки ӯ ҳам тарҳандоз, ҳам меъмор, ҳам наҷҷор, ҳам наққош буд. Этнографҳо ва мутахассисони таърихи меъморӣ, алалхусус А.К.Писарчик, В.Л.Воронина, Л.И.Ремпел ва П.Ш.Зоҳидов мактаби меъмории Хоразм, Бухоро ва Фарғонаро бо тамоми навъҳои маҳаллиаш, инчунин манзилҳои аз онҳо тамоман фарққунандаи тоҷикони кӯҳистонро мавриди тадқиқи ҳамаҷониба ва хеле дақиқ қарор додаанд [180].

---

[180] Дар асарҳои ҷамъбасткунандаи Пугаченкова Г.А., Ремпел Л.И., 1958– 1965; Ремпел Л.И., 1961, Сухарева О.А., 1958; 1962; 1966; инчунин дар таълифоти дигар этнографҳо мадракҳои хеле муҳим ва ҷолиби диққат оварда шудаанд. Дар ин бобат дигар асарҳои тадқиқотии махсус



Масҷиди сангин. Ҳисор

Заргарон ва мисгарон низ осори бисёр нафиси ҳунарӣ офаридаанд. Асарҳои шоистаи таҳсини кандакорону ҳаккокон, бофандагону дӯзандагон, кулолон ва соири ҳунармандони забардаст аз он башорат медиҳанд, ки санъат ва ҳунари халқ дар ин давра ҳам мавҷудияти худро давом дода, комёбиҳои муҳимро ноил гардидааст. Тафриқаи моливу иҷтимоӣ, чунонки дар боби манзил мушоҳида гардид, ба маданияти моддӣ низ нақши хеле равшани худро гузоштааст.

низ мавҷуданд, аз ҷумла: Денике Б.П., 1928, Лавров В.А., 1964 Ремпел Л.И., 1936; 1937; 1960; 1969; Писарчик А.К., 1937; 1954; 1956; 1970; Андреев М.С., Писарчик А.К., 1958, Полупанов С., 1937, Кисляков Н.А., 1939; Ғуломов Я.Ғ., 1941, Бачинский Н.М., 1947; Веймарн В.В., 1948, Воронина В. Л., 1949; 1951 а; 1951 б; 1953; 1956; 1959 а; Бретанитский Л.С., 1950; Абдурасулов Р.Р., 1960; Ноткин И.И., 1961; Зоҳидов П.Ш., 1965; 1969; Мухторов А., 1965; Рӯзиев М., 1967 ва ғ. Мо имкон надорем дар сари натиҷаҳои ин тадқиқотҳо қадре бошад ҳам, муфассалтар таваққуф намоем.



Деҳнав

## Ҳаёти илмӣ ва адабӣ

Дар шароите, ки мамлакат аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле ақиб монда, нуфуз ва эътибори рӯҳониёни иртиҷоии ислом беҳад пурқувват мегардид, дар бораи тараққиёти бомуваффақияти ҳаёти илмӣ ҷойи ҳарф задан ҳам набуд. Дар ин давра на фақат ягон қадар асарҳои муҳим ба вуҷуд наомаданд, балки омӯхтани дастовардҳои илмии замонҳои гузашта низ қариб тамоман ба дараҷаи нестӣ расид.

Хусусан замони ҳукмронии амир Шоҳмурод ва ворисони ӯ дар ин бобат тиратарин давраҳост. Дар ин вақт фақат омӯхтани илми фиқҳ, тафсири «китобҳои муқаддас» ва шарҳи китобҳои дарсии динии асри миёна хеле ривоҷ ёфт. Ба ин сабаб муддати таҳсили мадраса ниҳоят дароз шуда, боиси аз донишҳои замон маҳрум мондани ҳатто боистеъдодтарин фарзандони халқ гардид.

Омӯхтани адабиёти бадеӣ, илмӣ баён, хаттотӣ, риёзиёт, ҳайъат дар программаи мадрасаҳо аслан ба назар гирифта намешуд. Хостгорон метавонистанд бо ин соҳаҳо ба тариқӣ худомӯзӣ машғул шаванд.

Забони тоҷикӣ дар ин давра ҳамоно аҳамияти аввалияи худро дар дастгоҳи давлатӣ нигоҳ дошта, монанди собиқ ҳам дар риштаи адабиёт ва ҳам дар корҳои идоравӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Дар мактабҳо таълиму тадрис бо ин забон ба амал меомад.[181]. Вале дар мадрасаҳо қариб тамоми дарсҳо ба забони арабӣ гузашта, забони тоҷикӣ фақат барои шарҳ ва тарҷумаи баъзе дарсҳо хидмат менамуд.

[181] Дар мактабҳои тоҷикии аморати Бухоро хондани асарҳои шоири бузурги ӯзбек Навоӣ расм гардида буд, ки дар бобати ба забони ҳамдигар ошноӣ пайдо кардани ду халқи бародар – тоҷикону ӯзбекон аҳамияти калоне дошт.



Кандакорӣ. Меҳроб аз деҳаи Кум.
Ноҳияи Айнӣ



Қалъаи Ҳисор. Соли 1894

Мо сарчашмаҳои хаттии оид ба адабиёти асри ХУШ-ро дар даст надорем. Мувофиқи девонҳои ҷудогонаи то замони мо расидаи шоирони он давр, адабиёти Мовароуннаҳр дар аҳди зикршуда ба таназзули сахт рӯ ниҳода буд. Дар охири асри XVIII – ибтидои асри XIX алалхусус, дар Хӯқанд ҳаёти адабӣ дубора ба ҷӯшу хурӯш медарояд. Шоирони зуллисонайн (амир Умархон, Макнуна, Гулханӣ ва дигарон) ба вуҷуд меоянд, ки асарҳояшонро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иншо мекарданд. Оҳангҳои иҷтимоӣ дар шеърҳои онвақта хеле заиф гардида, таъсири тасаввуфи ғайрифаъол қувват мегирад. Дар миёнаи асри XVIII ҷараёни тозае ба зуҳур меояд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи бедилизм машҳур аст. Намояндагони ин ҷараён дар Осиёи Миёна беш аз ҳама ба тасаввуфи Бедил тақлид намуда, ба мароми умумии фалсафӣ ва иҷтимоии ӯ вуқуфи комил пайдо намекарданд.



**Мадрасаи Рустамбек. Солҳои 50-уми асри XIX. Ӯротеппа**

Шоир ва файласуф Мирзо Абдулқодири Бедил (1644–1721) яке аз охирин намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷикзабони асримиёнагии Ҳиндустон ба шумор меравад. Ӯ дар сарзамини Ҳинд ба дунё омада ва умр ба сар бурдааст. Бедил дар асарҳои худ бар асоси назарияи ваҳдати вуҷуд баъзе фикрҳои бидъатомезро, ки бархилофи дини ислом буданд, ифода карда ва бар зидди нифоқ ва адовати мазҳабии байни ҳиндуён ва мусулмонон сар бардоштааст. Ӯ ақидаҳои худро баъзан ошкоро ва гоҳо дар зери таъбирҳои тасаввуфӣ баён намудааст. Асарҳои Бедил бо сабки махсус навишта шудаанд. Ғояҳои ин шоир ва мутафаккири бузург назар ба дигар ҷойҳо бештар дар Осиёи Миёна, дар байни тоҷикон ва ӯзбекон тарафдорони худро пайдо намуд. Лекин, мутаассифона, қисми зиёди пайравони Бедил асосан услуби мураккаби бадеии ӯро дар шакл тақлид карда, ба мазмунҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мероси адабии вай аҳамият надодаанд. Шояд ба сабаби ақиб мондани ҳаёти мадании Бухоро ва дар ин маҳал хеле қувват гирифтани таъсири таассуби динӣ бошад, ки аксаран ҷиҳатҳои тасаввуфии шеърҳои Бедил диққати пайравони ӯро ба худ кашидаанд. Ин ҳолатро ҳам дар байни шоирони тоҷикзабони дарбори Умархон (дар Хӯқанд) ва ҳам дар эҷодиёти дигар шоироне, ки дар Бухоро,

Самарқанд, Хуҷанд ва соири шаҳрҳо нашъунамо ёфтаанд, метавон мушоҳида кард [182].

Бо вуҷуди ин, ҷараёни бедилизм ғайр аз муқаллидони кӯҳнапараст намояндагони пешқадами худро низ соҳиб буд. Дар байни пайравони Бедил одамоне ҳам буданд, ки баъдҳо, дар асри XIX ва ибтидои асри XX эҷодиёти худро то андозае ба ҳаёти иҷтимоии халқ наздиктар намуда, ғояҳои нисбат ба он замон мутараққиро таблиғ мекарданд. Нақибхони Туғрал, Асирии Хуҷандӣ ва Ҷавҳарии Истаравшанӣ аз зумраи чунин шоирон маҳсуб меёфтанд.

Умуман, равияи демократӣ ба назми ин давра низ роҳ пайдо менамуд. Чунончи, Мирзо Муҳаммадсодиқи Муншӣ, ки дар эҷодиёти ӯ оҳангҳои озодфикрӣ ва танқиди зулму истибдоди ҳукмронон эҳсос мешавад, намояндаи ҳамин равия мебошад. Тамоюли танқиди сохти мавҷударо дар эҷодиёти баъзе шоирони дигари Бухороӣ аз қабили Ирсии Ҳисорӣ, Хиҷлати Бухороӣ, Раҳими Самарқандӣ ва ғайра низ метавон мушоҳида намуд. Дар доираи адабии Хӯқанд мисли Гулханӣ, Муҷрим, Кошиф, Маъдан, Ҳозиқ ва Махмур шоироне буданд, ки бо мароми эҷодиашон аз дигар муосирони худ тафовут доштанд. Шоира Дилшод, ки монанди бисёр адибони он замон асарҳояшро ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ офаридааст, нисбат ба ҷабру ситам ва бедодгариҳои ҳокимони феодалӣ ва мулозимони онҳо ҳисси нафрат ва эътироз баён менамояд.

Дар ин давра асарҳои оид ба таърих асосан шакли воқеанигориро ба худ гирифта буданд. Лекин дар ҳар сурат як идда сарчашмаҳои таърихӣ ҳам ба вуҷуд омаданд, ки дар масъалаи омӯхтани ҳаёти асрҳои XVIII–XIX арзиши зиёде доранд. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо асари Муҳаммадвафои Карминагӣ «Туҳфаи хонӣ» ё худ «Таърихи Раҳимхонӣ» аст. Ин китоб воқеаҳои дар байни солҳои 1721–1767 рӯйдодаро дар бар мегирад. Дигар аз асарҳои муҳимми ин давра китоби Муҳаммад Яъқуб «Гулшану-л-мулук» мебошад, ки дар солҳои сивуми асри XIX навишта шуда, замони ҳукмронии манғитҳоро то аҳди амир Насрулло тавсиф медиҳад. Таърихи хонҳои Хӯқанд дар «Мунтахабу-т-таворих» ном асари Муҳаммад Ҳакимхон, ки воқеаҳои аз замони ҳукмронии Норбӯта (тақрибан с. 1770) то айёми салтанати Муҳаммадалихонро нақл менамояд, шарҳу баён ёфтааст. Асари Мулло Аттор «Ҷаҳоннамо», ки соли 1810 таълиф ёфта буд, асосан ба муносибати байни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд бахшида шудааст. Илова бар ин, доир ба таърихи давлати хонии Хӯқанд асарҳои дигар, аз қабили «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммад ва «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшод низ таълиф ёфтаанд. Доир ба таърихи аморати Бухоро ғайр аз асари Аҳмад Махдуми Дониш «Таърихчаи Бухоро» ҳамчунин таърихи Мулло Ҳамулӣ (охири асри XVIII–нимаи аввали асри XIX) қобили қайд мебошад.

[182] Айнӣ С., 1954; Айнӣ Х.С., 1956; Бедил, 1955.

# ФАСЛИ ШАШУМ

# ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА ВА ТАРАҚҚИЁТИ МУНОСИБАТҲОИ КАПИТАЛИСТӢ ДАР ИН САРЗАМИН

# БОБИ ЯКУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА

## 1.ОҒОЗИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА

### Инкишофи минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию сиёсии Россия бо давлатҳои Осиёи Миёна

Чунонки дар боло қайд карда шуд, ҳукумати подшоҳии рус саъй менамуд, ки бо роҳи иқтисодӣ ва дипломатӣ мавқеи худро дар Осиёи Миёна мустаҳкам карда, нуфузи ҳукмфармои худро дар Бухоро, Хева ва Хӯқанд пойдор гардонад. Дар охири солҳои чилум ва ибтидои солҳои панҷоҳуми асри XIX кӯшишҳои Британия дар роҳи вусъат додани тиҷорат ва дасисаҳои сиёсии он Петербургро ба ташвиш андохта, дар вай хавфи ҷиддии аз даст рафтани бозори осиёи миёнагии молҳои рус ва дар ҳудуди ҷанубии Россия устувор гардидани мавқеи ҳарифони хатарнокро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, ҳукумати подшоҳӣ барои инкишофи минбаъдаи муносибатҳо бо давлатҳои хонии Осиён Миёна ҳаракат намуда, дар айни замон ба мақсади барқарор кардани ҳукмронии худ дар он сарзамин иқдомоти ҳарбӣ низ ба амал овард.

Дар соли 1847 қӯшуни ҳукумати подшоҳӣ ба соҳилҳои баҳри Арал расид. Дар ин ҷо бо унвони Раим истеҳкоме бино карда шуд, ки баъдҳо номи Қалъачаи Аралро ба худ гирифт. Ин истеҳком ва дигар қалъаҳои соҳили баҳри Арал барои он сохта шуда буданд, ки ҳаракати бемонеаи корвонҳои тиҷоратӣ ба даруntари Осиёи Миёна таъмин гардад. Дар худи ҳамин вақт дастаи дигаре, ки аз ҷониби Сибир ба Осиёи Миёна ҳаракат мекард, ба Ҳафтрӯд расид. Ба ин тариқа, қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ аз ду тараф – аз Оренбург ва Омск ба заминҳои яйлоқии аз қазоқҳо ва қирғизҳо кашидагирифтаи давлати хонии Хӯқанд наздик шуданд.

Ишғоли қалъаи Оқмачити Хӯқанд (истеҳкоми Перовский, Қизил Ӯрдаи ҳозира), ки соли 1853 пас аз муҳосира ва ҳамлаи дастаи ҷанговарони рус таҳти фармондеҳии генерал-губернатори Оренбург В.А.Перовский ба вуқӯъ пайваст, дар роҳи ҳаракати минбаъдаи қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ марҳалаи муҳимме гардид. Ҳамон сол аввалин роҳи обии Россия ба Осиёи Миёна кушода шуд ва киштиҳои рус ба шино кардан аз баҳри Арал ба самти саргаҳи дарёҳои Сир ва Аму шурӯъ намуданд. Пас аз ин қад-қади соҳилҳои дарёи Сир як қатор нуқтаҳои муқовимат сохта, хатти истеҳкомоти Сирдарё ба вуҷуд оварда шуд. Дар тарафи шарқии Осиёи Миёна хатти истеҳкомоти Сибир ба он мутобиқат менамуд. Аҳолии маҳаллӣ қазоқҳо ва қарақалпоқҳо, ки

дучори зулму тааддии давлатҳои Хӯқанд ва Хева гардида буданд, ба қӯшунҳои ҳукумати подшоҳии рус фаъолона кумак мерасониданд.

Петербург дар баробари ба амал овардани иқдомоти ҳарбӣ саъю кӯшишҳои худро дар бобати ба василаҳои дипломатӣ «кушодани» роҳи васеи ба Хева ва Бухоро дохил шудани молҳои рус низ идома медод. Баъди тамом шудани ҷанги Қрим, ки як муддат диққати доираҳои ҳукмрони империяи Россияро аз Осиёи Миёна дур карда буд, соли 1858 ба аморати Бухоро ва хонии Хева бо сардории полковник Н.П.Игнатев намояндагии дипломатӣ фиристода шуд. Гуфтушуниди ин намояндагӣ дар давлати хонии Хева ягон натиҷае надод. Аммо дар аморати Бухоро ба Игнатев муяссар шуд, ки баъзе муваффақиятҳо ба даст оварад. Амир Насрулло, ки бо хони Хӯқанд ҷанг мекард, бо умеди пуштибонӣ дидан аз давлати Рус ҳайати сафоратро ба хушӣ пазируфт ва барои савдогарони рус имтиёзҳои муайяне ваъда дод. Лекин амалӣ намудани мувофиқати ҳосилшуда ниҳоят дараҷа душвор гардид. Худи Игнатев ҳам фаҳмид, ки ҳукуматҳои хонӣ (қабл аз ҳама, ҳукумати Хева) ба мушоҳидаҳои пешина аҳамияте намедиҳанд: дар Хева ҳатто матни қарордодеро, ки дар натиҷаи ба давлати хонӣ ташриф овардани П. Никифоров ва Г. Данилевский баста шуда буд, ёфта натавонистанд...

Империяи Россия ба хулосае омад, ки барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ ва иқтисодии худ дар Осиёи Миёна бояд қувваҳои мусаллаҳро ба кор андохт. Ин ният аз он сабаб ҳам қувват мегирифт, ки пас аз ҷанги Қрим нисбат ба давлатҳои тараққикардаи аврупоӣ заифтар будани Россияи подшоҳӣ аён гардид ва Осиёи Миёна ҳамчун бозори камубеш замонатдори молҳои саноатии рус дар пеши назари доираҳои ҳукмрон ва соҳибкорони мамлакат аҳамияти махсусе пайдо намуд. Ваҷҳи охирӣ бо тараққиёти сареи муносибатҳои капиталистӣ дар Россияи нимаи дувуми асри XIX, хусусан пас аз бекор кардани ҳуқуқи крепостноӣ хеле сахт алоқаманд буд. Корхонаҳои нави саноатӣ ба вуҷуд меомаданд. Муҳимтарин соҳаи саноат – бофандагӣ, ки бо таъмини пахта вобаста буд, бо суръати тамом вусъат мееёфт. Тараққиёти иқтисодӣ ба даст овардани бозорҳои нави фурӯши мол, манбаъҳои нави маводи хом ва василаҳои нави алоқаро талаб мекард.

Илова бар ин, амалиёти фаъолонаи давлати Рус дар Осиёи Миёна на фақат хавфи аз тарафи Англия истило шудани ин сарзаминро бартараф мекард, балки, баръакс, Россияро ба ҳудуди мулкҳои шарқии Британия наздиктар менамуд. Ба ҳамин восита Петербург қусури шикасти ҷанги Қримро гирифтанӣ ва мавқеи худро дар Аврупо мустаҳкам карданӣ буд. Аз ин рӯ, сар даровардан ба дарунтари Осиёи Миёна бо мақсад ва манфиатҳои ҳам помешикон ва ҳам доираҳои буржуазии империяи Россия мувофиқат мекард.

Мо дар баробари таъкид намудани омезиши сабабҳои иқтисодӣ ва сиёсие, ки Петербург дар муайян кардани нақшаи фаъолияти худ нисбат ба давлатҳои Осиёи Миёна онҳоро ба асос мегирифт, мавқеи дараҷаи аввал доштани омилҳои иқтисодиро бояд дар назар дошта бошем[1]. В.И.Ленин дар мақолаи «Боз доир ба масъалаи назарияи реализатсия» маҳз дар давраи баъди ислоҳот бештар авҷ гирифтани мустамликакунии кишварҳои канориро бесабаб хотирнишон накардааст. Ӯ менависад: «Ҷануб ва ҷануби шарқи қисмати

[1] Ниг.: Халфин Н.А., 1972.

Россияи аврупоӣ, Кавказ, Осиёи Миёна, Сибир як навъ мустамликаҳои капитализми рус мебошанд ва на фақат ба қад, балки ба бар ба андозаи бузург тараққӣ ёфтани капитализми русро ҳам таъмин мекунанд»[2].

Бинобар ин бесабаб нест, ки масъалаи дар Осиёи Миёна устувор гардидани мавқеи империяи Россия таваҷҷуҳи аз ҳад зиёди доираҳои тиҷоратию саноатиро ба худ кашида, дар ташкилот ва органҳои матбуоти онҳо мавқеи муҳокимаи пурҷӯшу хурӯше гардидааст.

Ишғолгариҳои мустамликавӣ фақат ба ҳукумати мутлақаи подшоҳӣ, помешикҳо, дворянинҳое, ки дар хизмати гражданӣ ва ҳарбӣ мансабҳои калонро соҳибанд, ба як тӯдача капиталистон, фабрикантҳо ва пудратчиҳо фоиданок аст[3].

Дар солҳои шастуми асри XIX, ба сабаби он ки дар натиҷаи сар задани ҷангҳои дохилӣ дар шимол ва ҷануби Америка ба Аврупо кашондани пахтаи америкоӣ қатъ гардида, буҳрони саноати бофандагии Аврупо ва Россия ба амал омад, истилои Осиёи Миёна ҳамчун манбаи маводи хоми пахта аҳамияти махсус касб намуд. Масалан, то соли 1861 як пуд пахтаи Бухоро дар ярмаркаи Нижегород 4-5 сӯм арзиш дошта бошад, нархи он дар соли 1862 ба 7 сӯму 50 тин ва дар соли 1864 ба 23-24 сӯм расид.

## Ҳуҷуми қӯшунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Миёна

Дар соли 1864 ҳуҷуми қатъии қӯшунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Миёна сар шуд. Дар моҳи сентябри соли 1864 Чимкент забт гардид. Сипас қӯшуни подшоҳӣ ба тарафи Тошканд ҳаракат кард. Дар охири моҳи апрели соли 1865 баъд аз тӯппарронихои шиддатнок қӯшуни подшоҳӣ ба ишғол намудани қалъаи Ниёзбек муваффақ гардид. Ин қалъа дар соҳили дарёи Чирчиқ бино ёфта, барои мудофиаи Тошканд роли калоне мебозид, илова бар ин, саргаҳи оби дохили шаҳр низ дар наздикии ҳамин қалъа воқеъ шуда буд. Дар натиҷаи ҳамлаи сахт ва ҷангҳои шадиди кӯчагӣ 15 июни соли 1865 яке аз калонтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна суқут кард. Вале расман ба Россия ҳамроҳ кардани Тошканд бо мулоҳизаҳои дипломатӣ то тирамоҳи соли 1866 мавқуф гузошта шуд.

Ҷангҳои дохилии хонияи Хӯқанд ва ҳамчунин муносибатҳои душманонаи байни Хӯқанду Бухоро ба амалиёти муваффақиятомези қӯшунҳои подшоҳӣ шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар баробари рақобати Бухорову Хӯқанд, ки аксар вақт боиси сар задани задухӯрдҳои мусаллаҳонаи байни онҳо мегардид, аморати Бухоро ва хонияи Хева низ дар давоми ин солҳо бо ҳам муборизаҳои тундутезе мебурданд. Ин ҳама ҷангу низоъҳои байнихудии давлатҳо ба вазъи сиёсӣ ва иқтисодиёти онҳо таъсири ҳалокатбор мерасониданд.

Дар миёнаҳои соли 1865 амир Музаффар ба водии Фарғона лашкар кашид. Қӯшуни Хӯқанд, ки дар муҳорибаҳои шадид ва тӯлонӣ бо дастаҳои ҳукумати подшоҳӣ хеле заиф гардида буд, ба ҳуҷуми лашкари Бухоро муқовамат карда натавонист. Ин буд, ки амир Музаффар Хӯқандро нисбатан ба осонӣ забт

---

[2] Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 4, с. 86.
[3] Ҳамон асар, с. 386.

намуда, ҳукмрони собиқи Хӯқанд–Худоёрхони ҳарис ва золими аз тарафи халқи шӯришгар рондашударо дубора ба тахти хонӣ нишонд.

Амир Музаффар аз ин барори кор рӯҳбаланд гардида, ба Тошканд ҳайати сафорат фиристод ва аз ҳукуматдорони рус талаб кард, ки фавран шаҳрро тарк намоянд. Дар фосилаҳои музокироти дипломатӣ ҳар гоҳ задухӯрди қӯшуни подшоҳӣ ва сарбозони амир низ ба амал меомад. Губернатори ҳарбии Туркистон М.Г.Черняев дар моҳҳои январу феврали соли 1866 қалъаи Ҷиззахро фатҳ карданӣ шуда, чанд дафъа ба он ҳамла овард, вале ба мақсад расида натавонист. Ин амалиёти бесамар ва «ташаббуси» беҳуда фақат чунин натиҷае дод, ки М.Г.Черняев аз вазифа дур карда шуда, ба ҷойи ӯ Д.И.Романовский таъйин гардид. 8 майи соли 1866 губернатори ҳарбии нав дар муҳорибаи Эрҷар, дар роҳи Ҷиззах ва Хуҷанд қӯшуни амирро торумор намуд. Қайд кардан ҷолиб аст, ки Д.И.Романовский пас аз шикасти қӯшуни Бухоро ба сӯйи ин давлат ҳаракат накарда, ишғоли Хуҷанд (24 майи соли 1866), қалъаи Нов ва истеҳкоми Ӯротеппаро (12 октябри соли 1866) афзалтар донист. Ин қарор, зоҳиран аз он сабаб қабул карда шуд, ки ин маҳалҳо аҳамияти калони стратегии ҳарбӣ дошта, дар саргаҳи роҳи водии Фарғона воқеъ гардида буданд. Хуҷанд, Ӯротеппа ва Нов аввалин шаҳрҳои асосан тоҷикнишин мебошанд, ки ба ҳайати Россия дохил шудаанд.

Д.И.Романовский ба ин васила паҳлуи чапи худро мустаҳкам намуда, тамоми қувваҳои худро ба муқобили душмани асосӣ–амир Музаффар равона сохт. Амири Бухоро бошад, ба ҷанги зидди қӯшунҳои муназзами империяи Россия омодагии дурусте надошт. Адиби маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш (1828–1897) тадорукоти муҳорибаи Ҷиззахро чунин ба қалам овардааст: «...аскаре зиёда аз ҳадду ҳаср бад-ин насақ ҷамъ шуда, баъзе ба шавқ, баъзе ба карҳ аз ҳар табақа мардум ба нияти ғазо мерафтанд, баъзе даҳрӯза, баъзе якмоҳа. Ҷаноби амир низ чун ин ҷамъиятро мулоҳаза намуд, ба худ ҷазм кард, ки ба ҳамин юруш то Фетербурх – пойтахти импротур фатҳ хоҳад шуд; чу медид, ки тӯлу арзи қӯшун қариб ба ду фарсах меравад ва намедонист, ки:

Пароканда лашкар наёяд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

Ба сатват ва шукӯҳи тамом ба ҳар ним фарсах роҳ нузул карда, ду шабу ду рӯз иқомат намуда, овози кӯсу ной ва нафир ба курраи асир расонида, Фаридун ва Афросиёбро аз ҷумлаи ҳавошии ҳашам мешумурд.

Дар муддати ду моҳ камобеш ба лаби дарёи Сир рафта, дар соҳате мусаммо ба Сассиққӯл нузул фармуд. Ғозиёни муаскари ҳумоюн пеш аз он ки ба манзил фуруд оянд, аз ғазва пушаймон гашта, дар тараддуди гурез ва махлас афтоданд; чи асбоби нуқсонотро дар арзи роҳ ба сомон расонида, корашон ба талабу суол оид гардида буд»[4].

Тасвири минбаъдаи ин воқеа боз ҳам рангинтар аст: «Ва аз ҷое, ки амир нузул фармуда, саропардаи иҷлол афрошта дошт, то маъракаи қитол ним фарсах камобеш буд, ки овози нақораи аскария мерасид. Амир дар сояи

[4] Аҳмади Дониш, 1959, с. 39–40.

шомиёна ба лаъби шатранҷ машғул буд, ҷамоае аз қавволон қавлу ғазал мегуфтанд, худи амир усули нақораро ба фахзи худ нигоҳ дошта. Онан фа онан (дам ба дам) пешхидматонро мефармуд, ки ба амири тӯбхона Салимбӣ ва амири аскар Шералӣ-иноқ таъйин кунанд, ки хазинаи Русия ба дасти нӯкария афтода талаф нашавад ва бисёр мардуми Русияро нокушта зинда оранд, ки дар зумраи сарбозони мо истода хидмат кунанд ва низомро ҷорӣ доранд.

Ва дар ҳошияи лашкар Яҳёхоҷаи туркмон, ки мансаби охундӣ дошт, бо ҳама сафоҳат фашши аммома аз ақиби сар андохта, сафҳаи басити ариз ба даст бардошта, фазоили ҷиҳод ба халқ талқин мекард, ки «ҷиҳод кунед, пойдор истед!» Ба ҳамон юруш Русия омада тӯпҳоро соҳибӣ кард ва ду-се сочма тӯбча ба сӯйи ғозиён ҳадя фиристод. Ҳама мунтазири фирор буданд. Якбора фирор бар қарор ихтиёр карданд. Аввал касе, ки бигрехт ва аммома аз сару сафҳа аз даст бияндохт, Яҳёхоҷаи охунд буд.

Он гоҳ хабар оварданд ба ҷаноби амир, ки лашкар бевафоӣ карданд ва пушт доданд. Амир низ саросема ба болои асби қантарӣ ва зини холӣ нишаста, фурсат наёфт, ки аммома ба сар кунад ё ҷома бипӯшад – ҳамчунон аз сари шатранҷ бархоста болои зин барнишаст ва асб меронд»[5].

18 октябри соли 1866 қӯшуни подшоҳӣ пас аз муҳосараи чандинвақта қалъаи Ҷиззахро тасарруф кард ва мавқеи худро дар хоки аморати Бухоро устувор гардонида, ба дувумин шаҳри бузурги он – Самарқанди бостонӣ таҳдид намуд.

## Таъсиси генерал-губернатории Туркистон ва пешравии минбаъдаи қӯшунҳои подшоҳӣ

Ҳукумати подшоҳӣ барои идора кардани қисмати ишғолшудаи Осиёи Миёна дар соли 1867 бо фаро гирифтани вилоятҳои Сирдарё ва Ҳафтрӯд генерал-губернатории Туркистонро таъсис намуд. Дар сари он генерал-адютанти подшоҳӣ К.П.Кауфман қарор гирифт. Ӯ ба ин вазифа бо «ярлиқи заррини» Александри II таъйин шуда, соҳиби ваколати номаҳдуде буд. Вай ҳақ дошт, ки бо давлатҳои ҳамсоя музокироти дипломатӣ барпо намояд, ҷанг эълон кунад, сулҳ бандад ва монанди инҳо.

Кауфман ва ҳамкорони ӯ ба ташкили системаи идораи кишвари Туркистон шурӯъ намуда, дар он муассисаҳои гражданӣ ба вуҷуд оварданд ва дар айни замон, нақшаҳои ба дарунтари Осиёи Миёна лашкар кашиданро низ муҳайё сохтанд.

Дар аввали соли 1868 ҳукмрони Хӯқанд – Худоёрхон бо ҳукумати подшоҳӣ муоҳидаи сулҳ баста, ба империяи Россия тобеъ гардидани худро эътироф кард. Ба тоҷирони рус иҷозат дода шуд, ки дар саросари давлати хонии Хӯқанд озодона харидуфурӯш кунанд. Онҳо барои кушодани корвонсаройҳои махсус ва нигаҳ доштани гумоштаҳои худ дар ҳамаи шаҳрҳои хония ҳуқуқ пайдо намуданд.

Дар худи ҳамон соли 1868, пас аз тобеъ кардани Хӯқанд аскарони рус таҳти фармондеҳии генерал Кауфман дубора ба тарафи Бухоро, ки дар садади танг карда баровардани ҳарифи нави худ аз заминҳои ишғолӣ буд, ҳаракат карданд.

[5] Аҳмади Дониш, 1959, с. 40–41.

Вале аз муҳорибаи назди Ҷиззах тақдири яке аз калонтарин ва қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна –Самарқанд ҳам ҳал шуд.

Чанде пештар аз ин воқеа ҳокими Самарқанд – дастнишондаи амири Бухоро аҳолии шаҳрро ба муносибати шӯриши халқ, ки бар зидди зулму шиканҷаҳои феодалӣ сар зада буд, ба маҳрумият ва мусибатҳо дучор гардонид. Бинобар ин аҳолӣ ба сарбозони амири Бухоро ёрӣ расондан нахост. Аскарони ҳукумати подшоҳӣ сарбозони амирро торумор намуда, 2 майи соли 1868 ба Самарқанд дохил шуданд.

Аз по афтодани Самарқанд дар байни сарбозон ва табақаи ашрофияи Бухоро парешонӣ ба амал овард. Умаро ва сипоҳиёни вилоятҳо ба мулкҳои худ фирор карданд. Кауфман роҳи пойтахти аморат – шаҳри Бухороро пеш гирифт ва охирин шаҳри калони дар сари роҳи пойтахт воқеъгардида – Каттақӯрғонро ишғол кард. Амир Музаффар охирин қувваи худро ҷамъ намуда, дар Зирабулоқ истеҳком гирифт.

Дар моҳи июни соли 1868 аскарони ҳукумати подшоҳӣ дубора ба сарбозони амири Бухоро зарбаи қатъӣ расониданд. Амир Музаффар пас аз мағлубияти назди Зирабулоқ имконияти муқобилатро тамоман аз даст дода, аз тахти салтанат фуруд омадан хост. Вале баъдтар, аз ин нияти худ баргашта, бо таклифи сулҳхоҳона ба назди генерал Кауфман элчӣ фиристод. Ва худаш ба Бухоро рафта, дар интизори ҷавоб нишаст.

Ба ҳамин тариқ, дар зарфи солҳои 1864–1868 ду давлати Осиёи Миёна – хонияи Хӯқанд ва аморати Бухоро ба мағлубият дучор гардиданд. Аммо ҳукумати подшоҳӣ корро то ба ҳамроҳ кардани хоки ин ду давлат ба империяи Россия бурда нарасонид. Ҳам хонияи Хӯқанд ва ҳам аморати Бухоро дар зоҳир ҳамчун давлати мустақил боқӣ монданд. Ин кор чи бо мулоҳизаи дипломатӣ ва чи бо мулоҳизаи дохилии сиёсӣ карда шуда буд. Ҳукумати подшоҳӣ, аз як тараф, аз мудохилаи Англия ва, аз тарафи дигар, аз ҳуҷуми ҳокимони вилоятҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна хавф дошт.

Генерал-губернатор Кауфман таклифи амир Музаффарро доир ба сулҳ қабул намуд ва 23 июни соли 1868 муоҳида имзо карда шуд. Мувофиқи ин муоҳида, як қисми аморати Бухоро, ки аскарони ҳукумати подшоҳӣ ишғол карда буданд, ба Россия гузашт. Бухоро аз ҳуқуқи бо ихтиёри худ муносибат кардан бо давлатҳои хориҷӣ маҳрум гардид. Амир Музаффар ба пардохтани 500 ҳазор сӯм барои хароҷоти ҳарбии Россия ризоият дод. Ҳамин тариқа, амири Бухоро ба вассали фармонбардори ҳукумати подшоҳӣ мубаддал гардид. Ҳукумати подшоҳӣ ба ҳуқуқи аз хоки аморат гузаронидани хатти телеграф, ташкили почта, киштиронӣ дар дарёи Аму соҳиб шуд, амир бошад, таъмини сохтмони бандарҳо ва посбонӣ кардани онҳоро ба уҳда гирифт. Ба соҳибкорони давлати Рус имкон дода шуд, дар ҳудуди аморат молу мулки ғайримутаҳаррика ба даст дароваранд; фуқарои Бухоро низ дар навбати худ ҳамин гуна ҳуқуқро нисбат ба Россия соҳиб шуданд. Ба савдогарони рус барои озодона тиҷорат кардан дар ҳудуди аморат иҷозат дода шуд, илова бар ин, муқаррар гардид, ки аз моли онҳо набояд бештар аз 2,5% боҷ ситонда шавад.

Тадриҷан ноҳияҳои саргаҳи Зарафшон, ки аслан тоҷикнишин мебошанд, ба таҳти назорати империяи Россия дохил шуданд. Дар моҳи августи соли 1868 ба ҳайати музофоти Зарафшони кишвари Туркистон шаҳри Панҷакент низ ҳамроҳ гардид. Баҳори соли 1870 сардори музофоти Зарафшон генерал

Абрамов ба мулкҳои ниммустақили кӯҳистонии Моғиён, Фон, Киштут, Фалғар, Мастчоҳ, Яғноб ва ғайра юриш намуд, ки дар таърих бо номи «Экспедитсияи Искандаркӯл» (апрел-июли с. 1870) сабт гардидааст.

Аз тарафи муқобили дастаи генерал Абрамов, ки моҳи апрели соли 1870 аз Самарқанд баромада буд, дастае таҳти фармондиҳии Деннет аз Ӯротеппа ҳаракат мекард. Мақсади ин юриш аз назар гузаронидани Искандаркӯли саргаҳи Зарафшон буд. Абрамов дар маълумоти ба Кауфман фиристодааш таъкид мекард, ки саросари ин маҳал аз ангиштсанг ва беша фаровон аст.

Барои тадқиқи захираҳои табиии саргаҳи Зарафшон ба ҳайати экспедитсияи Искандаркӯл олими табиатшинос А.Ф.Федченко, геолог Д.К.Мишенков, нақшабардор (баъдтар арбоби намоёни ҳарбию сиёсӣ) Л.Н.Соболев ва донишмандони дигар низ дохил гардида буданд. Ба ин восита доираҳои илмӣ ва тиҷоративу саноатии Россия тавонистанд бо сарватҳои табиии ин кишвари душворгузари кӯҳистонӣ ошно бишаванд.

Дар натиҷаи ин юриш маҳалҳои пониҳодаи дастаҳои ҳарбии подшоҳӣ ба номи «Туманҳои кӯҳистонӣ» ба музофоти Зарафшон ҳамроҳ карда шуданд.

## Муборизаи Англия ва Россия барои доираи нуфуз. Вусъати мулкҳои Россия дар Осиёи Миёна

Пешравии қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна нақшаҳои империяи Британияро вайрон намуд. Дар соли 1869 Англия роҷеъ ба таъсиси давлати «буфер», яъне бетараф дар байни минтақаҳои таҳти тасарруфи Англия ва Россия дар Осиёи Миёна масъала ба миён гузошт. Ба ақидаи мустамликадорони англис, чунин давлат мебоист Афғонистон гардад, ки ба он ҳамроҳ кардани мулки Бадахшон низ дар назар дошта мешуд. Дарёи Аму бояд сарҳади байни доираҳои нуфузи Англия ва Россия мегардид.

Вале, вақте ки доир ба ин масъала гуфтугузори тарафайн ба амал омад, асли мақсади ҳукумати Англия нисбат ба Афғонистон ошкор шуд. Маълум гардид, ки вай дарвоқеъ Афғонистонро ба минтақаи таҳти васояти худ табдил додан мехостааст.

Дар аввали соли 1873 доираҳои ҳукмрони кишвари салтанатии Англия ва Россияи подшоҳӣ аз ҳисоби манфиатҳои мардуми Осиёи Миёна хомӯшона чунин мувофиқате ҳосил карданд, ки тибқи он мебоист дар Хева протекторати Россия ва дар Афғонистон протекторати Англия барқарор мегардид.

Пас аз он ки дар миёни давлатҳои Британия ва Россия дар бобати тақсими доираи нуфуз созиш ба амал омад, ҳуҷуми қӯшуни подшоҳӣ ба Хева шурӯъ шуд. Ташаббускор ва ташкилкунандаи фаъоли юриши нави ишғолгарона К.П.Кауфман буд, ки дар амалиёти худ аз ҳукумати подшоҳӣ комилан тарафдорӣ медид. Зарурати «ҷазо додани» давлати хонӣ барои аҳдшиканиҳое, ки аз вақти куштори ҳайати сафорати Бекович–Черкасский дар соли 1717 зоҳир мегардид, барои ҳамла ба корвони тоҷирони рус, барои «муносибати беэҳтиромона» нисбат ба намояндагони генерал-губернатори Туркистон ва амсоли инҳо ҳамчун баҳонаи ин юриш ба қалам дода шуданд. Аммо асли мақсади ин юриш ҳамон саъю кӯшиши доираҳои ҳукмрони империяи Россия дар роҳи васеъ кардани бозори фурӯш ва ба даст даровардани манбаъҳои нави маводи хом буд.

Дар охири моҳи майи соли 1873 қӯшунҳои Туркистон ва Оренбург ба қалъаи шаҳри асосии давлати хонии Хева расиданд. Хони Хева – Муҳаммад Раҳими 11 кайҳо аз он ҷо фирор карда, ба дашти туркман, ба йайлоқи Хазовот рафта буд. Муқобилони Муҳаммад Раҳим бародари ӯ – Атоҷонтӯраро, ки ба суиқасди зидди хон гунаҳкор карда, ба зиндон партофта шуда буд, хон эълон намуданд.

Лекин К.П.Кауфман бо Атоҷон сарукор доштанро нахост ва аз паси хони фирорӣ қосид фиристода, ба боргоҳи худ баргаштани ӯро талаб кард. 2 июни соли 1873 Муҳаммад Раҳими II ба пойтахти давлат бозгашт ва асири ифтихорӣ гардид. Кауфман шартҳои муоҳидаи сулҳ ва муносибат бо давлати хониро пеш мениҳод ва умарои Хева сари итоат хам карда, ба ҳамаи он шартҳо розӣ мешуданд. 12 августи соли 1873 муоҳидаи байни Россия ва Хева, ки аз 18 модда иборат буд, ба имзо расид. Дар моддаи аввал таъкид мешуд, ки хон итоати императори Россияро қабул карда, бидуни иҷозати ҳукуматдорони подшоҳӣ бо ягон давлати ҳамсоя муоҳида намебандад ва ё ҷанг эълон намекунад. Заминҳои соҳили рости дарёи Аму аз Хева гирифта, як қисми он ба ивази кумакҳои дар давраи ҷанги Хева ба қӯшунҳои рус расондаи амир ба Бухоро дода шуд. Дар соҳили рост ҳамчунин шуъбаи Амударё бо маркази Петро-Александровск (ҳоло ш. Тӯрткӯл) ташкил гардид, ки ба ҳайати вилояти Сирдарё дохил мешуд.

Моддаҳои дигари муоҳида ба тоҷирон ва соҳибкорони рус барои фаъолияташон дар давлат имтиёзҳои васеъ медоданд. Мувофиқи ҳамин муоҳида хон вазифадор шуд, ки харидуфурӯши одам ва ғуломдориро барҳам медиҳад ва инчунин барои хароҷоти ҳарбӣ маблағи 2 миллион сӯм «ҷарима» мепардозад[6].

Аз охири соли 1873 то аввали соли 1874 вазъият дар давлати хонии Хӯқанд хеле тундутез гардид. Ҳокимони феодалии Хӯқанд қариб ҳамаи заминҳои берун аз водии Фарғона доштаашонро аз даст дода, қусури даромади барбодрафтаро аз ҳисоби ҳар чи бештар истисмор кардани аҳолии Фарғона баровардан хостанд. Илова бар ин, маъмурон ва амалдорони бисёре, ки аз ҷойҳои сердаромади худ дар водии Чу ва ҷараёнгоҳи миёнаи дарёи Сир, дар Хуҷанд, Ӯротеппа ва дигар маҳалҳо маҳрум гардида буданд, ба ин ҷо фурӯ рехтанд. Харҷи ин аъёну ашрофи феодалӣ низ ба уҳдаи аҳолии меҳнаткаш афтода, боиси афзоиши хироҷ ва молиёт гардид.

Ҳукуматдорони подшоҳӣ дар Петербург ва Тошканд аз ҳукмрони давлати хонии Хӯқанд ҳамеша изҳори хурсандӣ ва қаноатмандӣ мекарданд. Ин аст, ки Худоёрхонро ба ивази нармию хушмаҳзарӣ ва гузаштҳояш нисбат ба талабҳои империяи Россия борҳо бо нишону унвонҳои ифтихорӣ ва ташаккурномаҳои «аълоҳазрат» сарфароз гардонида буданд. Онҳо норизоятӣ ва эътирозҳои оммавии аҳолии давлати хонии Хӯқанд, тоҷикон, ӯзбекон ва қирғизҳои Фарғонаро нодида меангоштанд. Ҳол он ки ба идораи генерал-губернатори Туркистон дар бораи вазъияти нооромии давлати хонӣ хабарҳои зиёде мерасиданд. Дар яке аз ин хабарҳо, ки ба моҳи майи соли 1874 тааллуқ

---

[6] Матни пурраи муоҳидаи байни Россия ва Хева аз тарафи Жуковский С.В. дар китоби «Сношения России с Бухарой и Хивой за последнее трехсотилетие». Пг., 1915, замимаи III, с. 178–183 нашр шудааст.

дорад, аз ҷумла чунин гуфта шудааст: «Ҳозир вазъияти давлати хонии Хӯқанд пурташвиш аст. Аҳолӣ аз хон ниҳоятдараҷа норозӣ мебошад. Хон агар корвонсарое бино карданӣ шавад, ё дар ягон маҳал зироат кардан хоҳад ва ё ба хаёлаш сохтани боғе расад,– ҳамеша дар амалӣ намудани тамоми ин гуна қасду ниятҳояш аҳолӣ ва сарбозонро маҷбуран кор мефармояд, аммо як тин ҳам музд намедиҳад»[7].

Дар санадҳои дигар аз мавриди таҳқир қарор гирифтани одамони меҳнаткаш, ваҳшонияти политсия, андозу хироҷҳои зиёде, ки ҳатто «барои хори дар биёбон рӯида, дарахтони аз кӯҳ оваранда, барои най, барои золуи аз кӯл ҷамъкунанда ва ғайра» меситониданд, сухан ронда мешуд[8]. Баъзе ҳуҷҷатҳо дар худ хулосаҳои хеле сареҳу равшан низ доштанд. Масалан, дар «Мадракҳои навтарин роҷеъ ба давлати хонии Хӯқанд» чунин изҳор гардида буд, ки тамоми дастгоҳи идории кунунӣ бо андак такон мисли дарахти куҳнаи пӯсида омодаи афтодан аст»[9].

Ба Кауфман лозим омад, ки ба вазъияти пурташвиш ва шӯромези водии Фарғона мудохала намояд, Вале ӯ «ба таври худ» мудохала намуд ва бо ҳамин ҳам нисбат ба мардуми меҳнаткаш таваҷҷуҳ надоштани худро боз якбори дигар нишон дод. Генерал-губернатори Туркистон фақат хост, ки хони мустабидро аз хавфи сар задани ошӯби халқ «падарвор» огоҳ созад. Ба ин маънӣ 8 июли соли 1874 ба Худоёрхон номае навишт: «Беҳтарин касон зидди шумо амал мекунанд, мардум ҳам дар изтироб аст… Агар шумо тариқи раиятдории худро тағйир надиҳед, он гоҳ ман бароятон анҷоми нохушеро пешгӯӣ мекунам»[10].

Хони Хӯқанд ин номаи генерал-губернаторро комилан мувофиқи тарзи тафаккури худ таъбир намуда, оташи ҷабру ситамро дар саросари мамлакат боз ҳам фурӯзонтар гардонид. Вале оромии ба ин васила таъминшуда дер напоид. Баҳори соли 1875 шӯри ошӯбҳои халқ дубора бо қувваи нав сар зада, аз марзҳои ғарбии мамлакат, аз наздикии Хуҷанд то водии Олой ва маҳалҳои назди кӯҳистони Помир – тамоми қаламрави давлати хониро фаро гирифт. Ба замми ин вазъияти умумии сиёсии давра аз даври пешин тафовут дошт. Агар дар нимаи солҳои 70-ум асосан шӯришҳои халқии зиддифеодалӣ ба амал меомада бошанд, тахминан аз соли 1875 ба муборизаи зидди Худоёрхон як гурӯҳ намояндагони аъёни олимақоми дарбор низ ҳамроҳ шуданд. Абдураҳмони Офтобачӣ, бародари Худоёр, ҳокими Марғелон Султон Муродбек, Мулло Исо-авлиё ва дигар феодалони калон аз тарси ин, ки онҳо ҳам ба ғазаби халқ гирифтор нашаванд, ошкоран ба муқобили хон сар бардоштанд. Писари Худоёрхон – Насриддин ҳам ба сафи мухолифи падари худ дохил гардид. Намояндагони синфи ҳоким ба ҳаракати зиддифеодалӣ ҳамроҳ шуда, тамоми саъю кӯшиши худро ба он равона сохтанд, ки равияи иҷтимоии муборизаи халқро суст намоянд ва онро аз роҳи синфӣ бароварда, ба роҳи мазҳабию миллатчигӣ дароваранд. Бинобар ин, вақте ки Худоёр аз тахт афтод (ва ба хоки генерал-губернатории Туркистон фирор карда, ба

[7] Терентев М.А,, 1906, ч. II, с. 266-281
[8] ЦГА Уз ССР, И-1, оп. 34, д. 234-а лл. 18-19.
[9] ЦГА Уз ССР, И-1, оп. 34, д. 243-а лл. 18-19.
[10] Ҳамон ҷо, д. 242, лл. 46-47.

ҳимояи найзаҳои подшоҳӣ паноҳ бурд), онҳо ӯро на ба зулму ситам ва қатлу ғорати мардум, балки ба мутеи давлати Россия гардиданаш гунаҳкор донистанд. Онҳо «ба муқобили кофирон ҷиҳод» эълон намуда, барқарор сохтани ҳудуди пешинаи хонияи Хӯқандро талаб карданд ва Насриддинро хон бардоштанд. Дастаҳои ҷудогонаи шӯришгарон бо таҳрики доираҳои миллатчии феодалону рӯҳониёни мутаассиб ба стансияҳои почта ва деҳаҳо ҳуҷум мекарданд ва дар роҳҳо даст ба ғоратгарӣ мезаданд

Кауфман хабари ба тахт нишастани Насриддинро шунида изҳори ризоият намуд, ки ҳукумати ӯро ба расмият хоҳад шинохт, фақат ба шарте ки хон қарордоду муоҳадаҳои байни Россияву Хӯқандро риоят кунад ва ба табааҳои руси аз ҳамлаву ғоратгариҳо зарардида товон бидиҳад. Насриддин ба рӯҳониёну феодалони калон такя намуда, ба ин талаби генерал-губернатор эътино накард ва танҳо пас аз он ки дастаҳои Хӯқанд 22 августи соли 1875 дар муҳорибаи назди қалъаи Маҳрам шикаст хӯрданд, ба номаи Кауфман ҷавоб гардонида, ҳамаи пешниҳодҳои ӯро қабул кард. Вале акнун он талабҳои пешина ба назари генерали подшоҳӣ кам менамуданд.

22 сентябри соли 1875 ба давлати хонӣ қарордоди нав пешниҳод карда шуд. Мувофиқи шартҳои ин қарордод Хӯқанд аз ҳуқуқи бо ягон давлате (ғайри Россия) бевосита муносибат пайдо намудан маҳрум гардида, маблағи зиёде ҷарима ва товони ҷанг медод. Мулки бекии Намангонро аз давлати хонии Хӯқанд ҷудо намуда, ҳамчун шуъбае ба ҳайати кишвари Туркистон ҳамроҳ карда шуд. Мисли ҳарвақта корсозону тоҷирони рус ба ҳама гуна имтиёзот соҳиб гардиданд.

Бо вуҷуди ин, вазъият тезутунд ва пурташвиш буд. Феодалону рӯҳониёни иртиҷоъпараст ҳамоно мардумро ба «ҷиҳод» даъват мекарданд. Ба ҷойи Насриддин ба тахти хонӣ Пӯлодбек нишонда шуд. Дар навоҳии Андиҷон ва Намангон байни сарбозони Хӯқанд ва аскарони подшоҳӣ задухӯрдҳои шадид ба амал омаданд. Ҳукумати подшоҳӣ амалан аз фоидаҳои иқтисодӣ ва сиёсие, ки дар давлати хонӣ ба даст оварда буд, маҳрум гардид, зеро дар он шароит иҷрои қарордод ҳеҷ имкон надошт.

Кауфман аз тарси он, ки шӯру ошӯбҳо метавонанд тамоми Туркистонро фаро бигиранд, ба водии Фарғона қувваҳои иловагӣ фиристод. Ниҳоят манбаъҳои шӯришу исён пахш карда шуданд. Генерал-губернатори Туркистон бо пуштибонии Вазорати ҳарбӣ мамониати вазорати корҳои хориҷиро, ки аз аксуламали Англия андеша мекард, бартараф намуда, ба комилан аз байн бурдани истиқлолияти давлати хонии Хӯқанд муваффақ гардид. Мувофиқи фармони подшоҳ аз 19 феврали соли 1876 хоки давлати хонӣ бо номи вилояти Фарғона ба ҳайати кишвари Туркистон дохил карда шуд.

Дар айни замон, дар ҷануби шарқии Осиёи Миёна амалиёти ҷангии аморати Бухоро давом мекард. Ин дафъа маҳалли ҷамъомад ва такягоҳи қӯшуни Бухоро Қаршӣ ва Шаҳрисабз гардид. Амир Музаффар дар навоҳии ин шаҳрҳо қувваи зиёдеро ҷамъ намуда, дар охири соли 1866– аввали соли 1867 ба Бойсун ва Деҳнав ҳуҷум кард. Дар муқобили ӯ дастаҳои ихтиёрии мулкҳои маҳаллии ниммустақил бо сардории беки Ҳисор қарор гирифта буданд.

Тӯпхонаи ҳар ду тараф ҳам хеле заиф буд. Ҳисориҳо ҳамагӣ 4 тӯп (2 тӯпи чӯянӣ ва ду тӯпи мисӣ) доштанд, дар онҳо аслиҳаи оташфишони ҳозиразамон

ба миқдори кофӣ набуд. Бинобар ин, дастаҳо аксар вақт ба ҷанги тан ба тан мегузаштанд. Қӯшуни Бухоро дар натиҷаи ҳарбу зарби сахт (хусусан дар мавзеи Амоқсой) ҳисориҳоро ақиб нишонда, дар қалъаи Деҳнав ба муҳосира гирифт ва сипас шабохун зада, қалъаро ишғол намуд. Сарбозони амир ба қатли оми даҳшатангезе шурӯъ карда, ҳар каси ба дасташон афтодаро нобуд сохтанд.

Ба чанде аз ҳисориҳо ва иттифоқчиёни онҳо муяссар гардид, ки ба тарафҳои Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб гурехта, ҷон ба саломат баранд. Аз он ҷумла беки Ҳисор Абдулкарим-додхоҳ ба Кӯлоб паноҳ бурд. Аммо беки он ҷо Сарахони сиёсатмадори маккор ӯро ҳамроҳи чанд нафар муттафиқонаш дастгир намуда, ба амир Музаффар дод. Сарахон ният дошт ба ин васила таваҷҷуҳи ҳукмрони Бухороро ба худ ҷалб намояд ва ҳукумати бекии Кӯлобро дар даст нигаҳ дорад.

Вале ҳаракати сарбозони амир ба самти шарқ ҳамоно давом мекард. Он гоҳ Сарахон, ки мулкҳои зиёде дар поёноби дарёҳои Кофарниҳон ва Вахш ба ҳар андоза таҳти ҳокимият ва нуфузи ӯ қарор гирифта буданд, барои дар атрофи худ муттаҳид кардани ашрофи феодалии қабилаҳои ин ноҳия ва бо қувваи онҳо гирифтани пеши роҳи сарбозони амир саъй намуд. Беки нави Деҳнав – Улуғбек ба кумаки ӯ шитофт ва онҳо якҷоя дар аввали соли 1869 аҳолии маҳаллиро барои муқовамат намудан дар муқобили бухороиҳо даъват карданд. Азбаски Сарахон шиори дар байни мардум машҳури мубориаи зидди андозҳои ҷорикардаи амирро ваъз мекард, ба зери байроқи ӯ боз фавҷи сершумори ихтиёриён ҷамъ омад.

Амири Бухоро ва муқаррабони ӯ ба набардҳои нав дақиқона ва бо тамоми қувва тайёрӣ медиданд. Аз ҷумла бо сардории Яъқуббек қушбегӣ қӯшуни махсус ташкил дода шуд. Яъқуббек дастаҳои амалан ноозмуда ва силоҳи дуруст надоштаи Шерободро, ки ба он Остонақулбӣ сардорӣ мекард, ақиб партофта, аз Сурхондарё гузашт ва тамоми сарзамини Ҳисорро ба харобазор табдил дода, сипас роҳи Балҷувон ва Кӯлобро пеш гирифт. Ҳар як ҳамлаи сарбозони Бухоро бо ғорати шаҳру деҳот ва қатли оми мардуми бегуноҳ тамом мешуд. Дар як худи Ҳисор панҷ ҳазор кас ба қатл расид [11].

Ҳарчанд ки сарбозони амир касеро амон надода, ҳатто аҳолии шаҳру қишлоқҳои муқобилатнакардаро ҳам несту нобуд мекарданд, боз аз мулкҳои истилошуда бо номи «амонпулӣ» хироҷ ҳам меситонданд. Маблағи аз ҳад зиёде, ки бо роҳи ин гуна ғоратгариҳои рӯирост ҷамъ омада буд, барои афзудани сарвати саркардаҳои феодалии Бухоро сарф гардид ва қисми асосии он ба амир фиристода шуд.

Ба мақсади комилан аз байн бурдани истиқлолияти бақияи мулкҳои ин ноҳия амир Музаффар фармуд, ки ҳокими Ҳисор Абдулкаримро бо тамоми хонаводааш нобуд созанд. Сарахон аз кушта шудан тарсида, ба воситаи дарёи Аму ба хоки Афғонистон гузашт (аз рӯйи баъзе маълумотҳо, ӯ баъдҳо волии Қандаҳор шуд ва аз рӯйи маълумотҳои дигар ба Ҳиндустон рафта, дар он ҷо иқомат ихтиёр намуд).

Сарони қабила ва ашрофи феодалии мулкҳои забткардаи Бухоро бо одамоне, ки нисбат ба амир садоқат доштанд, иваз карда шуданд. Яъқуббек

---

[11] Стремоухов Е., 1875, с. 685.

қушбегӣ ҳокими тамоми ин вилоят таъйин гардида, мулкҳои Ҳисор ва Кӯлоб таҳти қаламрави ӯ қарор гирифт. Ба Яъқуббек дар ҳокимият ихтиёроти тақрибан номаҳдуд дода шуд. Саидниёзи киикчӣ – беки Балҷувон ва Наҷмуддинхоҷа – беки Кӯлоб таъйин гардиданд. Ин ҳукмронони нав ба мақсади хушхизматӣ намудан дар назди амир, корро аз ривоҷи зулму ситам ва ситонидани андозу хироҷҳои хонахаробкунанда сар карда, камтарин норизоятӣ ва эътирози мардумро бераҳмона фурӯ менишонданд. Аҳволи оммаи меҳнаткаш боз ҳам табоҳтар гардид ва аз ин рӯ ба қатлу кушторҳои ваҳшиёна нигоҳ накарда, норизоятӣ дар деҳоту шаҳрҳо беш аз пеш қувват мегирифт ва гоҳе ба ошӯбҳои зидди истисмори феодалӣ табдил меёфт.

Дар айни ҳол аморати Бухоро амалиёти истилокоронаи худро дар ҷануби шарқии Осиёи Миёна идома медод. Акнун навбати зарба задан ба Дарвозу Қаротегин расида буд. Ин мулкҳо он вақт таҳти нуфузи давлати хонии Хӯқанд воқеъ гардида буданд. Раҳимшо аз задухӯрдҳои дохилӣ истифода бурда, ҳокимияти Қаротегинро ба даст гирифт ва бо нияти устувор гардонидани мавқеи худ бо амир чоплусӣ карда, ҳар гоҳ тобеияти худро ба аморати Бухоро эътироф менамуд [12].

Ин ҳолат боиси ба вуҷуд омадани боз як ихтилофи байни Бухорову Хӯқанд гардид. Ҳарчанд ҳукмрони онвақтаи Хӯқанд Худоёрхонро амири Бухоро Музаффархон ба тахт нишонда буд, муносибати ин ду давлати Осиёи Миёна беш аз пеш тезутунд шуда, ошкоро ранги душманона мегирифт. Дар сарҳади Қаротегин задухӯрдҳои сахт ба амал омада, дар онҳо қувваҳои аскарии аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд иштирок намуданд.

Бо вуҷуди ин, вазъият акнун назар ба даҳ-понздаҳ сол пеш аз ин як андоза дигар гардида буд. Пештар ҷангҳои байни Бухорову Хӯқанд солҳои дароз қатъ намешуд. Аммо ҳоло, дар солҳои шастум ва ибтидои ҳафтодуми асри XIX дар Осиёи Миёна Россияи подшоҳӣ соҳибихтиёр гардида, Бухорову Хӯқанд ба вассали ӯ табдил ёфта буданд. Ҳар як ҷангу ҷидоли байни аморат ва давлати хонӣ ба эътибори империяи Россия зарар мерасонид. Илова бар ин, доираҳои ҳукмрони Петербург ва Тошканд, ки Туркистонро тамоман ба таҳти тасарруфи худ даровarда буданд, ба инкишофи робитаҳои тиҷоративу иқтисодии байни вилояту ноҳияҳо ва мулкҳову давлатҳои хонии ин сарзамин аз рӯйи манфиатдории худ таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Ба ин ваҷҳ, вақте ки дар аввали соли 1870 дар Қаротегин миёни сарбозони Бухорову Хӯқанд задухӯрд ба амал омад, генерал-губернатори Туркистон Кауфман маҷбур шуд ба амир Музаффар муроҷиат намояд ва ӯро огоҳ кунад, ки аз ҷанги зидди давлати хонии Хӯқанд даст кашад.

Вазъият як муддат ба оромӣ рӯ овард. Ҳокими Қаротегин – Саид Муҳаммадиншо ҳаракат мекард, ки истиқлолияти мулки худро таъмин намояд, вале ин майли ӯ мавриди писанди маъмурияти Туркистон қарор нагирифт.

Ҳукумати подшоҳӣ ба мақсади мустаҳкам кардани мавқеи худ дар маҳалҳои роҳи Помир ва аз ҷиҳати маънавию сиёсӣ таъсир расонидан ба ҳокими Қаротегин ба водии Олой экспедитсия фиристод. Дар охири июл ва августи соли 1876 генерал Скобелев, ки нахустин губернатори ҳарбии Фарғона

---

[12] Сомӣ, 1962,- в. 102–103; Маев Н., 1879, с. 175–176; Кисляков Н.А., 1954, с. 63–70. Искандаров Б.И., 1960, с. 56–60; 170–189; Ҳамроев М., 1955, с. 26-29; Юсуфов Ш. 1964, с. 29-32.

таъйин шуда буд, дар сари як дастаи калон, ки ба ҳайати он, ғайр аз ҳарбиён, донишмандони ҷуғрофия, табиатшиносӣ ва нуҷум (Л.Ф.Костенко, В.Ф.Ошанин, А.Р.Бонедорф ва дигарҳо) дохил мешуданд, ба самти кӯҳдоманҳои Помир раҳсипор гардид. Ин экспедитсия мебоист таъкид мекард, ки ҳукумати подшоҳӣ акнун идомадиҳандаи ҳаққи хонии Хӯқанд ба ноҳияҳои кӯҳистони Помир мебошад. Ғайр аз ин, вай ба ҳокими ниммустақили мулки феодалии Қаротегин Саид Муҳаммадиншо бояд хотирнишон менамуд, ки қаламрави ӯ барои аскарони империяи Россия комилан дастрас аст. Дере нагузашта Саид Муҳаммадиншо барои «гарданкашиаш» аз ҳокимият маҳрум гардид ва ба ҷойи ӯ Раҳимшо, ки то он вақт дар Бухоро мезист ва ҳукумати подшоҳӣ ба садоқаташ бовар дошт, гузошта шуд. Дар нимаи дувуми солҳои ҳафтодум амири Бухоро Қаротегинро тамоман ба қатори мулкҳои худ дохил намуд. Сипас, чунин қисмат ба сари Дарвоз ҳам омад. Агар мулкҳои душворраси ғарби кӯҳистони Помир, аз қабили Рӯшон, Шуғнон ва Вахон сарфи назар карда шавад, Дарвоз охирин мулки ниммустақили соҳили рости Панҷ ба шумор мерафт. Соли 1676 амир барои тобеъ намудани ин мулк бо сардории беҳтарин лашкаркаши худ – Худойназар-додхоҳ қӯшун фиристод. Бухориҳо бо тазйиқи сиёсӣ ва макру фиреб тавонистанд шоҳи Дарвоз Сироҷиддинхонро барои мулоқот бо амир ба Шаҳрисабз оваронанд, ки ӯ дар он ҷо фавран ба асорат афтод.

Вале ин хиёнат иродаи мардуми Дарвозро шикаста натавонист. Онҳо ба муқобили истилокорон мардонавор ҷангида, аввал як дастаи начандон калони бухориҳо, баъд кӯшуни якунимҳазорaро, ки бо тӯп мусаллаҳ буда, бо сардории Худойназар-додхоҳ ба сӯйи онҳо ҳаракат мекард, торумор намуданд. Дар ин ҷанг Худойназар-додхоҳ ва чанде аз саркардаҳои ӯ ярадор шуданд. Қисмати зиёди аскарони ба ин самт фиристодаи амир нобуд гардиданд.

Муқовимати қаҳрамононаи мардуми ватанпарвари Дарвоз ҳамаи ноҳияҳои аз тарафи аморати Бухоро истилошудаи ҷануби шарқии Осиёи Миёнаро ба ҷунбиш овард. Амир Музаффар бо мақсади пешгирӣ намудани шӯришҳои умумӣ фавран ибтидои соли 1878 ба ин маҳалҳо қувваи зиёди аскарӣ фиристод (аз рӯйи баъзе маълумотҳо, амир ҳатто нияти шахсан ба он сардорӣ кардан дошта будааст). Ин қувваи аскарӣ дар навоҳии Кӯлоб, Балҷувон ва Қаротегин ҷой гирифта, як дастаи сершумор ба қалъаи Ғарм низ гузошта шуд, то ки бо расидани баҳорон ва аз барф тоза шудани ағбаҳо ба Дарвоз ҳамла намояд.

Худойназар-додхоҳ аз рӯйи ин нақша амал намуда, мудофиакунандагони Дарвозро ба ақибнишинӣ маҷбур сохт ва қалъаи хеле мустаҳками Кафтархонаро ба муҳосира гирифт. Бухориҳо дар ҷангҳои сахт талафоти зиёде дода, ниҳоят Кафтархонаро ишғол карданд ва пас аз он ба қарияи асосии Дарвоз–Қалъаи Хумб ва ноҳияи Панҷ равона шуда, он ҷойҳоро ҳам забт намуданд.

Вале мубориизаи асоратнописандонаи мардуми ин диёр бо ҳамин қатъ нагардид. Ба сарлашкарон ва сарбозони амир барои фурӯ нишондани муқовимати сокинони баъзе маҳалҳои Дарвоз боз ба харҷ додани ҷаҳду кӯшишҳои пур аз заҳмату ранҷ лозим омад. Махсусан аҳолии водии Ванҷ ба муқобили истилогарон бебокона ҷанг мекарданд. Бисёрии онҳо дар қалъаи дастнораси Рошорв ба камин нишаста, ба душман зарбаҳои сахт

мерасониданд. Фақат пас аз он ки озуқа ва муҳиммоти қалъанишинон ба охир расид ва ҳамчунин саркардаҳои феодалии ба амир фӯрӯхташуда ба таслим қарор доданд, Рошорв дарвозаи худро ба бухороиҳо боз кард. Аксари дарвозиёни мудофиакунандаи қалъа ба таслим сар нафуроварда, бо роҳҳои махфӣ ба соҳили чапи Панҷ, ба Афғонистон гузаштанд. Сарбозони амир Музаффар ҳам бо нияти дастгир кардани онҳо ба он сӯйи дарё гузашта, дар канораҳои ҷанубии он мавзеъ гирифтанд. Ба ин сабаб он маҳалҳое, ки сарбозони амир дар он сӯйи дарё қарор гирифта буданд, «Дарвози паси Панҷ» номида шуданд.

Ҳукумати амирӣ муқовимати дарвозиҳоро комилан бартараф намуда, заминҳои онҳоро ба қаламрави худ даровард ва Раҳмонқулибекро ҳоким таъйин кард. Табиати озодихоҳӣ ва истиқлолталабии аҳолии маҳаллиро ба эътибор гирифта, доиман дар ихтиёри ҳоким дастаи сершумори сарбозон, ки нафароти онҳо ба 1300-1500 мерасид, гузошта мешуд.

Ин сарзамини ишғолкардаи аморат, ки акнун номи «Бухорои Шарқӣ»-ро гирифт, дар давоми ҷангҳои истилокорона чунон зарар ва хасоратҳо дид, ки то ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ба худ омада натавонист. Дар бораи ин харобиҳо аз гувоҳии капитани штаби генералӣ Стеткевич мумкин аст як андоза тасаввурот ҳосил намуд. Ӯ навиштааст: «Ба қавли сокинони ин маҳалҳо, тақрибан чил сол қабл аз ин водии Ширкент аз Дарбанд то Регар ва кӯҳистони Қаратоғ ҳама боғу чаманзор буд, аммо дар вақти ҷангҳои дохилӣ, ки бо тобеъ шудани Регар ба амири Бухоро анҷом ёфтанд, ба вайроназор мубаддал гардид ва дигар рӯйи беҳбудиро нахоҳад дид... Фақат ба боғҳои атрофи бозор (дар Регар-Б.F.) даромада дидем, ки ғайр аз харобазор чизе нест ва шаҳр як деҳачаи бозорист, деворҳои гилии нимвайрона масоҳати васеи чоргӯшаеро иҳота карда, даромадгоҳи он, ки аз дарвозаи бурҷнок аст, ба ботлоқ табдил ёфтааст»[13].

Чунин манзараи ҳузнангезро дар бисёр шаҳру деҳаҳои ин вилоят дидан мумкин буд. Он шаҳру деҳаҳое ҳам, ки ҳангоми ҳуҷуми сарбозони амир солим монда буданд, баъдҳо аз усули фалокатбори идораи ҳукумати феодалии Бухоро ба таназзул рӯ оварда, ҳамроҳи сокинонашон қурбони ҳамлаҳои харобкоронаи ҳокимони ҳарису виҷдонфурӯш ва тороҷгариҳои амлокдорону ҷамъкунандагони хироҷ гардиданд.

Чаро сокинони озодипарасти маҳалҳои кӯҳсору водиҳои Тоҷикистон дар мубориза бо қувваҳои аскарии нисбатан заифи амир шикаст хӯрданд? Сабаби аввал ин аст, ки онҳо аз ҷиҳати омодагӣ ба муқовимат, ваҳдат ва таҷҳизоти моддӣ ҳанӯз ба дараҷаи лозима қувват пайдо накарда буданд. Сабаби дигар ин аст, ки феодалони болонишини маҳаллӣ, мисли одати ҳамешагии худ, барои нигоҳ доштани мавқеъҳои имтиёзнокашон дар айни сахтии мубориза ба тарафи истилокорон гузашта, ба кори умум хиёнат мекарданд. Ғаразҳои синфии онҳо назар ба эҳсосоти миллию ватандӯстиашон қавитар буд. Ҳукуматдорони амир аз ин заъфи онҳо истифода бурда, бо фитнаву дасиса ва бо подошу ваъдаҳо ҳар гуна шоҳону ҳокимон, хонҳову бекҳо ва феодалони хурду калонро ба тарафи худ моил месохтанд. Ҳамчунин тарафдорӣ ва

[13] Стеткевич, 1894, с. 241.

дастгирие, ки аморати Бухоро аз империяи Россия медид, дар барори истилокориҳои он аз аҳамият холӣ набуд.

## Ҳуҷуми қӯшунҳои подшоҳӣ ба Туркманистон

Нимаи дувуми солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри XIX давраест, ки доираҳои ҳукмрони Россия амалиёти худро дар қисмати ғарбии Осиёи Миёна, яъне дар Туркманистон вусъат медиҳанд. Дар ин иқдом на фақат табақаҳои ҳокими помешикҳову дворянҳо, балки буржуазияи босуръат тараққикунанда низ, ки барои ба воситаи баҳри Каспӣ роҳ ёфтан ба заминҳои нав ишғолшуда, яъне кушодани роҳи дар он замон хеле мусоид ва судманд ҳаракат мекард, манфиатдории худро зоҳир менамуд. Ғайр аз ин, ноҳияи паси Каспӣ маҳалли дасисаҳои ҳарифи империяи Россия – Англия ба шумор мерафт. Афсарони ва ҷосусони сиёсии англис бо ҳар роҳ ба Туркманистон сар дароварда, бо одамони соҳибнуфуз робита барқарор мекарданд ва барои устувор намудани мавқеъҳои ҳарбӣ ва сиёсии империяи Британия дар ин маҳалҳо замина муҳайё месохтанд.[14]

Дар моҳи марти соли 1874 ҳукумати Петербург «Низомномаи муваққатии идораи ҳарбии кишвари Моварои Каспӣ»-ро тасдиқ намуд. Мувофиқи ин низомнома, шуъбаи Моварои Каспӣ (Закаспия) таъсис ёфта, маркази он Красноводск гардид ва шуъбаи мазкур ба ихтиёри волии Кавказ дода шуд. Масоҳати он аз соҳилҳои шарқии баҳри Каспӣ то дарёи Атрек дар ҷануб ва давлати хонии Хева дар шарқ муқаррар гардида буд.[15] Садорати шуъба торафт бештар ба Туркманистон ва вилояти ба он ҳамсояи Эрон роҳ ёфтани намояндагони англис – В. Марч, В. Бейкер, Нэпир, Клейтон, Гилл, Ч. Мак-Грегор ва дигаронро ба назар дошта, бонги хатар зад ва дар назди доираҳои олии ҳукумат роҷеъ ба пешбинӣ кардани чораҳои лозима масъала гузошт.

Ҳукумати подшоҳӣ пас аз муҳокимаи дурудароз қарор кард, ки қӯшунҳои худро ба воҳаи Аҳалтегин ҳаракат диҳад. Дар аввали моҳи майи соли 1877 Қизиларват ишғол карда шуд. Вале худи ҳамон сол сардори шуъбаи Моварои Каспӣ генерал-майор Н.Ломакин ба сабаби дурӣ аз қароргоҳи асосӣ –шаҳри Красноводск амр кард, ки он ҷоро тарк кунанд. Тирамоҳи соли 1878 русҳо дар Атрек истеҳкоми Чатро бино карданд ва ба он такя карда, дар моҳи августи соли 1879 генерал Н. Ломакин дубора Қизиларватро забт намуд ва ба сӯйи иқоматгоҳи асосии тегинҳо – Кӯктеппа равон шуд. Дар наздикии ин шаҳр қалъаи мустаҳками Данглитеппа бино ёфта буд. Ба генерал Н. Ломакин муяссар гардид, ки деҳаҳои Бомӣ, Биюрма ва Арчманро ишғол кунад, лекин дар қарибиҳои Кӯктеппа ба муқовимати сахти ватандӯстони туркман дучор омад. Ӯ дар ҷангҳои шадиди 28–29 августи соли 1879 шикаст хӯрда, ба ақибнишинӣ маҷбур шуд.

Ин мағлубияти қӯшунҳои подшоҳӣ, ки дар тамоми ҷангҳои Осиёи Миёна аз ҳама ҷиддитарин ба шумор мерафт, дар Петербург ва Тифлис норизоятии сахт ба миён овард. Вазъияти Моварои Каспӣ муддати дароз дар машваратҳои Шуъбаи махсуси Вазорати ҳарбӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Ба вазифаи

---

[14] Ниг: масалан, Тихомиров М.Н., 1960; Халфин Н.А., 1965; Ҳидоятов Ғ,А., 1969.

[15] «Присоединение Средней Азии к России (маҷмӯаи санадҳо)». 1960, с. 142– 151.

фармондеҳи қӯшунҳои дар он сӯйи Каспӣ будаи ҳукумати подшоҳӣ М.Д.Скобелев, ки дар ҷанги солҳои 1877–1878 воқеъгардидаи русҳову туркҳо ном бароварда буд, таъйин карда шуд. Ӯ барои забт намудани Кӯктеппа бо ҷидду ҷаҳди тамом тайёрӣ дид. 12 январи соли 1881 пас аз ҷанги сахти серӯза қалъаи Данглитеппа ба таслим маҷбур гардид ва қӯшунҳои подшоҳӣ Кӯктеппаро ишғол намуда, пас аз як ҳафтаи дигар, 18 январи соли 1881 ба калонтарин маҳалли иқомати тегинҳо – Ашқобод дохил шуданд. Дар моҳи майи ҳамон сол шуъбаи ҳарбии Моварои Каспӣ ба вилояти Моварои Каспӣ табдил дода шуд.

Мағлубияти қавитарин тоифаи туркман – тегинҳо ба дигар тоифаҳои ин сарзамин таъсири ҷиддӣ расонид. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои тӯлонӣ ва хеле мушкили байни амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ва сардорони қабилаҳои туркмани вақил, сичмаз, бек ва боҳӣ 1 январи соли 1884 дар воҳаи Марв пайи маслиҳат ҷамъомади куҳансолони ин қабилаҳо барпо гардид, ки дар он тақрибан ҳазор кас иштирок намуд. Маслиҳат дар сари ихтиёран ба Россия ҳамроҳ шудан қарор гирифт. Намояндагони аҳолии воҳаи ҳамсояи Иолатан низ хулосаи ин маслиҳатро пазируфтанд. Моҳи марти соли 1884 аҳолии ин ноҳияҳо ба ҳайати империяи Россия дохил шуданд.

Ин тариқа сурат гирифтани воқеа мувофиқи табъи Британияи Кабир набуд. Ба ин сабаб вай вазъиятро мураккаб карданӣ шуда, бо баҳонаи муайян кардани сарҳади Афғонистон саъй намуд, ки дар миёни русҳо ва афғонҳо ихтилоф ба вуҷуд оварад. Ин то андозае ба вай муяссар гардид. Ҳукумати Афғонистон ба воҳаи туркманнишини Пандин даъво намуда, бо раҳнамоии «мураббиён» ва «мушовирон»-и англис ба минтақаи мавриди баҳс қӯшун даровард. Дар моҳи марти соли 1885 аскарони рус таҳти фармондеҳии сардори вилояти Моварои Каспӣ А.В.Комаров қӯшуни афғонро аз ин минтақа зада дур карданд.

Мавриди таваҷҷуҳ аст, ки В.И.Ленин ин ҳодисаро на ҳамчун ихтилофи байни русҳову афғонҳо, балки ҳамчун шиддати рақобати империяи Британия ва Россия баррасӣ намудааст.

Чунонки мегӯяд: «... Россия аз барои тақсим кардани ғаниматҳои Осиёи Миёна бо Англия қариб ба ҷанг даромада буд»[16].

Ҳар чи ҳам бошад, дар ҷараёни музокироти соли 1887 анҷомёфтаи байни ин ду давлат марзҳои шимоли ғарбии Афғонистон ва ҳамчунин ҳудуди мулкҳои дар ин қисмати Осиёи Миёна воқеъгардидаи ҳукумати подшоҳӣ муайян карда шуданд.

### «Масъалаи Помир» ва ҳалли он

Охирин муаммои рақобати байни Англия ва Россия дар асри XIX, ки дар ваҳлаи аввал бояд ҳал мешуд, «масъалаи Помир» буд.

Кӯҳистони бузурги Помир ба ду қисмати асосӣ ҷудо мешуд: яке Помири Ғарбӣ, ки мулкҳои тоҷикнишини Вахон, Шуғнон ва Рӯшонро дар бар мегирифт ва дигаре Помири Шарқӣ, ки тоифаҳои кӯчии қирғиз сукунат доштанд.

---

[16] Ленин В. И. Асарҳо, ч. 23, с. 133.

Ҳарчанд пас аз таъсиси вилояти Фарғона (1876) диққати асосии ҳукумати подшоҳӣ ба кори Туркманистон равона гардида буд, ба ҳар ҳол аз ноҳияи Помир ҳам сарфи назар кардан намехост, ҳам экспедитсияи Скобелев ба водии Олой ва ҳам таваҷҷуҳи махсуси маҳофили давлатӣ ва илмии Россия ба ин сарзамин ин иддаоро собит менамоянд.

Вале муваққатан аз иқдоми амалии мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Помир даст кашидани ҳукумати Петербург оқибатҳои ғайричашмдошт овард. Амири Афғонистон – Абдурраҳмонхон бо таҳрики империяи Британия, ки пас аз ҷанги солҳои 1878– 1880 бо Афғонистон «ҳомии» сиёсати хориҷии ин давлат гардида буд, дар соли 1883 ба мулкҳои Помири Ғарбӣ лашкар кашида, Вахон, Шуғнон ва Рӯшонро ишғол кард ва дар ин ҷойҳо низоми бераҳмонаи қатли омро ҷорӣ намуд.[17]

Дар айни ҳамин вақт ва боз ҳам бо таҳрики англисҳо Хитои синӣ қӯшуни сарҳаддии худро ба сӯйи Помири Шарқӣ ҳаракат дод. Ҳукумати подшоҳии Россия ба муқобили ин рафтори давлатҳои ҳамсоя, ки дар ибтидои солҳои 80-ум ба вуқӯъ меомад, ба таври қатъӣ эътироз баён намуд, лекин ба ҷудо кардани қуввае аз қӯшунҳои бе ин ҳам камшумори дар Осиёи Миёна, хусусан дар Туркманистон амалкунандаи худ, имкон надошт. Эътирозҳои дипломатӣ бошанд ҳеҷ натиҷае набахшиданд.

Дар ин байн, вазъият дар Помири Ғарбӣ торафт ошуфта мешуд. Аҳолии тоҷик бар зидди ғосибон сар бардошта дар сурате ки ҳокимони маҳаллӣ – Шоалимардон (дар Вахон) ва Юсуфалихон (дар Шуғнон) аз тарафи Абдурраҳмонхон маъзул гардида буданд, бо қатъияти тамом ба дастаҳои афғон муқовимат мекарданд. Қисми зиёди вахониҳо диёри худро тарк карда, ба Туркистони Шарқӣ кӯчиданӣ шуданд. Тирамоҳи соли 1883 дар Шуғнон шӯриш ба амал омад. Иштирокчиёни он чанде аз хироҷситонандагони афғонро, ки ваҳшигарию бераҳмиро ба авҷ расонида буданд, қатл карда, худ ба тарафи Рӯшон фирор намуданд.

Аз мулкҳои Помири Ғарбӣ ба Туркистон чанд ҳайати намояндагии тоҷикон омада, ба ҳукуматдорони рус ҳуҷҷатҳои имзокардаи аҳолии ин маҳалҳоро супурданд, ки дар онҳо ба тобеияти Россия қабул кардани Вахон ва Шуғнону Рӯшон хоҳиш карда мешуд (Ин қабил ҳуҷҷатҳо дар захираҳои архиви генерал-губернатории Туркистон кам нестанд). Аммо ҳукумати подшоҳӣ ба сабаби он, ки дар ин вақт муносибатҳои Англия ва Россия хеле тезутунд гардида буданд, ба ҷуз баъзе чораҳои дипломатӣ, ягон иқдоми ҷиддие дар ин бобат зоҳир нанамуд.

Шӯриши тоҷикони Шуғнон амири Афғонистонро маҷбур кард, ки баъзе тадбирҳоро ба кор барад. Ӯ ба назди шӯричиён қосид фиристода «сулҳи ифтихорӣ» пешниҳод кард ва барои ҷорӣ намуди худмухторӣ замонат дод. Аз ҷумла, ба вазифаи ҳокими Шуғнон яке аз намояндагони «хонадони ҳукмронони маҳаллӣ Муҳаммад Акбаршоро таъйин намуд. Дар ҳамон шароит тоҷикон ғайр аз қабули ин шартҳо илоҷи дигар надоштанд. Ғосибон ҳамоно бедодгарӣ мекарданд. Ин буд, ки боз ба Фарғона, сипас ба Тошканд ва Петербург номаҳои пур аз шикояти тоҷикони Помир фурӯ рехтанд. Дар ин номаҳо мардуми ситамдида аз зулму тааддии ғосибон шикваҳо карда, арз

---

[17] Искандаров Б.И. 1960, с. 98-99.

менамуд, ки онҳо «ҳамаро ба ниҳояти қашшоқӣ ва хонавайронӣ мерасонанд: одамони бегуноҳро мекушанд, занонро мерабоянд, духтаронро таҷовуз мекунанд, молу амволро зӯран мегиранд, андозҳои муфлискунанда меситонанд, бачагонро ба ғуломӣ мебаранд, ки дигар барнамегарданд ва ё фақат духтарони бадномшуда ба назди волидайни хонахароб гардидаашон пас меоянд»[18].

Мудохилаи мусаллаҳонаи Афғонистону Хитой ба Помир тақрибан 10 сол (1883–1893) давом намуд. Дар зарфи тамоми ин солҳо тоҷикон дар роҳи ҳифзи истиқлолият ва ҳайсияти миллии худ бо қатъият мубориза мебурданд.

Дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум амалиёти ҷосусони англис дар Помир ва маҳалҳои ҳамсояи он хеле вусъат ёфт. Онҳо ҳам якнафарӣ ва ҳам чун дастаи ҳарбӣ ба ин ноҳияҳо сар даровארда, кӯталҳоро месанҷиданд ва роҳ мекушоданд.

Соли 1891 Англия вилояти кӯҳистонии дар наздикии Помир воқеъгардидаи Комчутро, ки ба он мулкҳои Хунза ва Наҳор дохил мешуданд, забт намуд.[19] Акнун нияти вай дар бобати комилан ба тасарруфи империяи Британия даровардани Помир ба зуҳур меомад. Ин ба ҳамон авзое, ки дар натиҷаи кӯшишҳои Лондон барои таҳти нуфуз ва ҳукмронии худ қарор додани Туркманистон дар ғарби Осиёи Миёна рух дода буд, шабоҳат дошт. Аммо чун истилокорони Афғонистону Хитой бо таҳрики Англия барвақт заминҳои тоҷику қирғизнишини Помирро ишғол карда буданд, дар ин ҷо вазъият нисбатан мураккабтар гардид.

Ҳукумати подшоҳӣ чунин вазъиятро ба эътибор гирифта, дар аввали солҳои 90-ум ба амалиёти ҷиддитар шурӯъ намуд. Дар моҳи июли соли 1891 дастаи на он қадар калони (120 нафараи) казакҳо ва аскарон бо сардории полковник М. Ионов ба сафари иктишофии Помир фиристода шуд. Ионов роҳи худро аз кӯтали Қизиларт сар карда, ба соҳилҳои Рангкӯл ва Қаракӯл сайр намуд ва то кӯтали Баик расид. Ӯ дар ҳама ҷо ба мардум эълон мекард, ки ин маҳалҳо дар тобеияти Россия мебошанд, Генерал-губернатори Туркистон А. Б. Вревский барои таъкид намудани аҳамияти сиёсии «юриши Ионов» бо теъдоди зиёди мулозимонаш ба водиҳои Фарғона ва Олой сафар кард. Экспедитсияи Ионов масъалаи Помирро такон дод. Акнун англисҳо бо нотаҳои эътирозӣ муроҷиат намуда, ба Петербург фишори дипломатӣ оварданӣ шуданд. Ҳукумати подшоҳӣ ин эътирозҳоро рад кард. Арбобони давлати Рус дар моҳи апрели соли 1892 барои машварати махсус ҷамъ омаданд, ки комилан ба «масъалаи Помир» бахшида шуда буд. Дар ин машварат қарор карда шуд, ки ба Помир боз қӯшун фиристода, онро доимӣ нигоҳ доштан ва ба ин васила ҳаққи қазовати империяи Россияро ба ин вилоят комилан устувор намудан лозим аст. Дар моҳи июни соли 1892, вақте ки гузаргоҳҳои пурбарфи кӯҳӣ кушода шуданд, полковник Ионов боз бо ҳамон роҳи шинос, вале ин бор бо қувваи зиёде ба сӯйи Помир ҳаракат кард. Дар канори дарёи Оқсу дидбонгоҳи Помир (шаҳраки ҳозираи Мурғоб) сохта шуд

---

[18] ЦГА Уз ССР, И-1, оп. 34, д. 680 лл. 14-15; иттилои Қосиди ҳокими Шуғнон Акбаралихон аз 27 январи с . 1889 (ниг. Халфин Н.А. 1965, с. 385).

[19] Тасвири ошкорои ин таҷовуз дар китоби иштироккунандаи он Дюранд (1905) ба назар мерасад; Ниг. инчунин Рустамов У. А., 1956.

ва дар мавзеи Шоҷон 250 нафар казакҳову аскарон барои гузаронидани зимистон қарор гирифтанд.

Дар назди Англия ба таври қатъӣ масъала гузошта шуд, ки қӯшунҳо ва идороти низомии афғон аз мулкҳои тоҷикони Помири Ғарбӣ бароварда шаванд. Чун дар байни Россия ва империяи Британия муоҳидаи солҳои 1869–1873 вуҷуд дошт, ки дар асоси он ҷараёнгоҳи боло ва миёнаи дарёи Аму сарҳади доираҳои нуфузи русу англис дар Осиёи Миёна гардида буд, Лондон бо чунин баҳонае, ки мулки аморати Бухоро Дарвоз дар ду канори дарё воқеъ шудааст, боз ҳалли масъаларо таъхир додан хост.

Дар охир дипломатҳои англис маҷбур шуданд, ки шикасти худро дар баҳси Помир эътироф намоянд. Дар соли 1893 котиби оид ба корҳои хориҷии идораи мустамликадории Англия ва Ҳиндустон Мортимер Дюранд бо ташрифи сиёсӣ ба Кобул омад. Ӯ ноилоҷ ба Абдурраҳмонхон пешниҳод кард, ки аз даъвои Шуғнон, Рӯшон ва Вахон даст кашад. Амири Афғонистон норизояти зиёде накарда, ин пешниҳодро қабул намуд. Зеро мулкҳои хароб ва қашшоқи кӯҳистони дурдаст барояш он қадар аҳамият надоштанд.

Бар тибқи шартномаи Англияву Россия қисми шарқии водии Вахон, ки дар байни мулкҳои Россия ва Ҳиндустон вазифаи минтақаи бетарафро адо мекард, дар қаламрави Афғонистон монд. Илова бар ин, заминҳои дар каронаи чапи дарёи Панҷ воқеъгардидаи Дарвози Бухоро низ ба ихтиёри Афғонистон гузашт. Вале аз канораҳои рости дарё, аз мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон қӯшунҳои афғон бароварда шуданд. [20]

Шартномаи мазкур пас аз мукотибаи иловагии дипломатӣ ба муовизаи нотаҳои байни сафири рус дар Лондон ва вазири корҳои хориҷии Британия 27 феврали (11 марти) соли 1894 ба расмият даромад. Баҳори соли 1895 комиссияи мухталифи англису рус сарҳади охирин қитъаи сарзамини Осиёи Миёнаро ба таври аниқ муайян намуд.[21]

Дар моҳи январи соли 1896 Николаи II хатти сарҳади империяи Россияро дар Помир тасдиқ кард. Осиёи Миёна комилан ба ҳайати Россия дохил гардид. Қисмати муҳимми хоки онро кишвари Туркистон (генерал-губернатории Туркистон) [22]ташкил мекард, ки пеш аз ин ҳам тобеи империяи Россия буд. Дар баробари ин мулкҳои як андоза масоҳатан камгардидаи аморати Бухоро ва хонияи Хева, ки амалан дар тобеияти вассалии Петербург воқеъ гардида буданд, мавҷудияти худро нигаҳ медоштанд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ба манфиат ва эҳтиёҷоти аҳолии маҳаллӣ эътино накарда, ҳудудҳои идораи худро муқаррар намуд. Принсипи этнографии ҷо додани халқҳои ҷудогона ба назар гирифта нашуд. Масалан, туркманҳо дар вилояти Мовароӣ Каспии кишвари Туркистон, инчунин дар аморати Бухоро ва хонии Хева мезистанд, ӯзбекҳо дар хоки Туркистон, Бухоро ва Хева зиндагӣ мекарданд. Тоҷикон ҳам аз ин қисмат гурез наёфтанд, шимоли Тоҷикистон (Хуҷанд, Ӯротеппа, туманҳои кӯҳистони кишвари Зарафшон ва ғ.) ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил шуда, оммаи асосии тоҷикон, ки дар қисмати ҷануби шарқи Осиёи Миёна сукунат доштанд, таҳти

[20] Тақрибан айни ҳамин вақт дар натиҷаи гуфтушуниди намояндагони Россия бо ҳукумати Хитой постҳои ҳарбии империяи Син аз Помири шарқӣ бардошта шуданд.

[21] Ниг .: Искандаров Б.И., 1960.

[22] Барои тафсили ин воқеа ниг.: Халфин Н.А., 1965.

истибдоди аморати Бухоро қарор гирифтанд. Ҳукумати Петербург амирро ба хидматгори содиқи худ табдил дода, бисёр мулкҳои тоҷиконро, ки пештар ниммустақил буданд ва ё, аз қабили Қаротегин ва Дарвоз, ба қаламрави хони Хӯқанд дохил мешуданд, ба ихтиёри ӯ вогузошт.

Ғайр аз ин, ҳукумати подшоҳӣ коре кард, ки дар назари авввал номаҳфум менамуд. Вай мулкҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахони Помири Ғарбиро, сарфи назар аз эътироз ва норозигии сахти аҳолии маҳаллӣ, таҳти қазовати амири Бухоро қарор дод. Бо ҳамин, ҳукумати подшоҳӣ гӯё мехост «қусури» заминҳои аздастрафтаи амир, яъне Дарвози паси Панҷро, ки ба Афғонистон дода шуда буд, бароварад.

Дар асл ҳукумати подшоҳӣ аз чизе маҳрум намегардид. Зеро назорати умумии ин ноҳия ҳамоно дар зимаи афсари ҳукумати подшоҳӣ – сардори дастаи низомии Помир монда буд. Ба замми ин, ҳукумати подшоҳӣ аз ин кори худ ба дарёфти фоидаҳои бештари сиёсӣ умед мебаст. Ва дарвоқеъ ба ин васила вай аз таънаву маломатҳои ҳарифони британӣ, ки аз вусъати мулкҳои он дар Осиёи Миёна гумонбар буданд, ба андозае худро халос намуд. Ин давом ва инкишофи ҳамон амалиёте ба шумор мерафт, ки борҳо аз санҷиш гузашта буд. Вале чунин сиёсат барои халқҳои Осиёи Миёна фақат бадбахтиҳои иловагӣ оварду бас.

Дар таъйини ҳудуди маъмурӣ риоя нашудани принсипҳои этнографӣ, ки оқибати ин қабил амалиёти мустамликадорӣ маҳсуб меёфт, ба инкишофи худшиносии миллии халқҳои Осиёи Миёна ва ҳамчун миллат ташаккул ёфтани онҳо монеъ гардид. Ин ба майлу хоҳиши сатрапҳои подшоҳӣ комилан мувофиқат мекард. Чунин рафтори зиддихалқӣ ва иртиҷоӣ нисбат ба манфиат ва эҳтиёҷоти аҳолии маҳаллӣ фақат дар натиҷаи ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр дар Россия, револютсияи сотсиалистӣ дар Туркистон ва револютсияҳои халқӣ дар Бухоро ва Хева аз байн бурда шуд. Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Советӣ дар ҳалли масъалаи миллӣ сиёсати лениниро амалӣ намуда, соли 1924 мувофиқи омоли халқҳои Осиёи Миёна тақсимоти миллии давлатиро дар ин сарзамин анҷом доданд.

## 2. АҲАМИЯТИ ПРОГРЕСИВИЮ ТАЪРИХИИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА

Дар вақти ҳамроҳ шудан ба Россия дар Осиёи Миёна муносибатҳои патриархалии феодалӣ ҳукмфармо буданд. Давлатҳои Осиёи Миёна аз тамоми ҷаҳони мутамаддин қариб ҷудо буданд. Аз тараққиёт бозмондани қувваҳои истеҳсолкунанда сабабгори асосии ақибмонии иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва ҳарбии онҳо гардида буд. Россия назар ба Осиёи Миёна мамлакати пешқадам ва аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ба шумор мерафт, ки дар он ҷо муносибатҳои капиталистӣ аллакай барқарор ва ҳукмрон гардида буданд.

Тавассути ҳамроҳ шудан ба Россия Осиёи Миёна ба муомилаи молии ҷаҳон кашида шуд. Тадриҷан дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ, дар навбати аввал корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ ба вуҷуд омаданд. Қисми зиёди коргарони ин корхонаҳои саноатиро аҳолии маҳаллӣ ташкил медоданд. Тараққиёти саноат ва аз миллатҳои маҳаллӣ пайдо шудани коргарон дар ҳаёти

иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Осиёи Миёна қадами бузурге ба пеш буд. Дар натиҷаи ҳамроҳ шудан ба Россия ҳаёти маданиии Осиёи Миёна рӯҳ гирифт. Масалан, дар Тошканд китобхона, театр, музей кушода шуда, кори матбуот рӯ ба тараққӣ ниҳод. Аммо набояд дар аҳамияти ин комёбиҳо ба муболиға роҳ дод, зеро оммаи халқ аз сабаби бесаводии саросар аз ин муассисаҳои маданӣ истифода бурда наметавонист. Ривоҷи маданият, ки бо кумаки зиёиёни рус шурӯъ гардида буд, ба фаъолияти зиёиёни маҳаллӣ кумак расонид ва ин зиёиён баъдтар дар ҳаракати револютсионӣ ва пас аз ғалабаи Револютсияи Октябр дар инқилоби маданиии Осиёи Миёна роли бузурге бозиданд.

Ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Россия объективонаву таърихан аҳамияти прогрессивӣ дошт. Халқҳои Осиёи Миёна ба ин восита имкон ёфтанд, ки бо маданияти пешқадами рус ва муборизаи револютсионии табақаҳои демократӣ ва сипас пролетарии он ошно шаванд.

Осиёи Миёна туъмаи империяи Британия нагардид, ки мехост ин қисмати Осиёро мустамликаи худ созад ва ё онро ба ягон давлати хонии мустабиддаи калон, вале ақибмондае ҳамроҳ намуда, ба ин восита халқҳои ин сарзаминро мисли бисёр халқҳои дигар истисмор кунад. Агар Осиёи Миёна ба мустамликаи Англия табдил меёфт, он гоҳ халқҳои ин кишвар аз пролетариати револютсионии рус ва пешоҳанги марксистӣ -ленинии он ҷудо мешуданд.

Чи навъе ки маълум аст, К.Маркс ва Ф.Энгелс дар солҳои 60–80-ум дигар дар Англия вуҷуд надоштани пешомади револютсионӣ ва дар Россия наздик расидани револютсияро хотирнишон карда буданд. Чунончи, Ф.Энгелс дар мактуби худ ба К.Маркс 6 апрели соли 1863 менависад: «Дар замони ҳозира аз пролетариати англис ҳама гуна қувваи револютсионӣ нест шуда ва пролетариати англис бо ҳукмронии буржуазия тамоман созиш кардани худро эълон намуд».[23]

К.Маркс ҳанӯз дар соли 1859 дар хусуси Россия навишта буд: «Дар револютсияи оянда Россия бо омодагии тамом иштирок хоҳад кард».[24]

Ӯ баъдтар бо пешбинии доҳиёнае таъкид намуд: «Ин бор револютсия дар шарқ (дар Россия.– Б.Ғ.) ба амал хоҳад омад...»[25] ва сипас ин фикри худро боз ҳам аниқтар баён карда, мегӯяд: «...Россия отряди пешқадами ҳаракати револютсионӣ дар Аврупо мебошад».[26]

Ба ҳайати Россия дохил гардидани давлатҳои хонии Осиёи Миёна низоъҳои дохилии феодалӣ ва ҷангҳои муттасилеро, ки аҳолии меҳнаткаш аз онҳо сахт дар азоб буданд, барҳам дод. Дигар амри мусбате, ки бо ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия алоқаманд аст, дар ноҳияҳои бевосита ба ҳайати давлати рус дохилгардида барҳам дода шудани ғуломдорӣ мебошад. Дар аморати Бухоро ғуломдорӣ амалан манъ карда нашуда буд.

Ҳукумати мутлақаи подшоҳӣ меҳнаткашони Россияро дар шиканҷа нигаҳ дошта, нисбат ба онҳо ҷабру зулми бераҳмонаро раво медид. Вай Осиёи Миёнаро забт карда, дар ин ҷо тартиботи сахти мустамликавӣ ҷорӣ намуд. Халқҳои ин сарзамин ба зулму тааддии дутарафаи истисморкунандагони маҳаллӣ ва амалдорони ҳукумати подшоҳӣ гирифтор гардиданд. Ба ҳамин

[23] Маркс К., Энгелс Ф., 1932, с. 107.
[24] Маркс К., Энгелс Ф., 1932, с. 107.
[25] Маркс К. и Энгелс Ф.. Соч., т. 34, с. 230.
[26] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч., т. 4, с. 419–459.

тариқа, ҳам меҳнаткашони Россия ва ҳам халқҳои мазлуми Осиёи Миёна дар тимсоли ҳукумати подшоҳӣ душмани ашаддии худро диданд.

Маҳз аз ҳамин сабаб аз ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Россия дере нагузашта дар байни меҳнаткашони Россияи револютсионӣ ва меҳнаткашони кишварҳои канории миллӣ, аз он ҷумла пролетариати навташкилёфта, косибон ва деҳқонони Осиёи Миёна бар зидди ҳукумати подшоҳӣ, сохти помешикиву буржуазӣ ва истисморкунандагони маҳаллӣ иттиҳоди мустаҳкаме ба миён омад. Ғояҳои пешқадами револютсионии пролетариати Россия торафт бештар шуури халқҳои Осиёи Миёнаро бедор мекард. Ин буд, ки ниҳоят меҳнаткашони тоҷик, ӯзбек, туркман, қирғиз, қазоқ, қароқалпоқ ва дигар халқҳои Осиёи Миёна тадриҷан тавонистанд таҳти роҳбарии партияи болшевикӣ ба ҳаракати револютсионии пролетариати Россия ворид шаванд.

Ин ҳолат дар баёни аҳамияти ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна мавқеи хеле муҳимро ишғол менамояд. Буҳтонгарони зиддисоветӣ, ки аз ҳар баҳона дар ҳуҷуми муқобили халқҳои Иттифоқи Советии сермиллат истифода карданӣ мешаванд, «суолҳои» сафсатаомези зайлро ба миён меоранд: «Азбаски Англияи капиталистӣ назар ба Россияи феодалии ҳарбӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ ба дараҷаи хеле зиёд тараққикарда буд, оё барои халқҳои Осиёи Миёна беҳтар намебуд, ки дар ҳайати империяи Британия бошанд» ва ё «агар барои Осиёи Миёна мустамликаи Англия будан беҳтар намебуда бошад, пас, ба ҳар ҳол, бадтар ҳам намебуд? Хоҳ мустамликаи Британия бошад ва хоҳ мустамликаи ҳукумати подшоҳӣ, дар ҳар сурат мустамлика аст!».

Дар сари таҳлили ин суолҳо таваққуф намудан маъние дорад, хусусан ки ҷавоби онҳо наметавонад дорои характери якранга бошад ва чунонки дар назари аввал менамояд, он қадар ҳам осон нест. Дар вақти ҷавоб гуфтан ба суоли аввал мо мулоҳизаҳои маълуми К.Марксро, ки дар силсилаи мақолаҳои машҳури ӯ роҷеъ ба «Ост-Индия» баён ёфтаанд, набояд фаромӯш кунем. Ҳарчанд гумон аст, ки кори бунёдгаронаи англисҳо дар Ҳиндустон аз миёни харобаҳои баамаловардаи таҷовуз ва тороҷгариҳои бениҳояти аҷнабиён ба назар расад, вале он шурӯъ шудааст,– навишта буд К.Маркс. Самараи ин кор, берун аз майлу иродаи мустамликадорон, вайрон кардани асосҳои ҷамоати пайвастаи ҳиндуён ва фароҳам овардани заминаи ташаккули ҷамъияти капиталистӣ аст, хотирнишон карда буд К.Маркс. Лекин ӯ боз хеле возеҳу равшан таъкид мекард, ки аҳолии Ҳиндустон аз ҷиҳатҳои мусбати ҳукмронии мустамликавии Британия фақат дар натиҷа ва пас аз ғалабаи револютсияи пролетарӣ дар Англия, ё худ дар натиҷа ва пас аз ғалабаи револютсияи халқии зиддимустамликавӣ дар Ҳиндустон метавонанд баҳраманд гарданд.[27] Чунонки маълум аст, халқҳои Ҳиндустон ва Покистон то ҳол оқибатҳои вазнину ногувори истисмори дурударози мустамликадорон: харобии қувваҳои истеҳсолкунанда, қашшоқӣ, гуруснагӣ, муромурии аз ҳад зиёд ва дигар мусибату маҳрумиятҳоро, ки ҳукмронии тӯлонии салтанати Британия ба сари онҳо оварда буд, эҳсос менамоянд.

Маҳз аз сабаби он, ки халқҳои Ҳиндро мустамликадорони англиси аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ қавитар ғорат мекарданд, аҳволи онҳо аз аҳволи табоҳи халқҳои Осиёи Миёнаи солҳои 1861– 1916 ҳам бадтар буд. Доираҳои

[27] Маркс К. и Энгелс Ф., Соч., т. 9, с. 130–136.

ҳукмрони Британия аҳолии мустамликаҳои худро бо маҳорат, малака ва вусъати бузурге истисмор мекарданд. Инро В.И.Ленин хотирнишон намуда буд: «...империалистони рус намояндагони замони куҳна буданд ва аз ин рӯ, чунонки бояду шояд, буғӣ карда наметавонистанд», дар ҳолате ки намояндагони буржуазияи англису америкоӣ «буғӣ карда метавонанд ва то охир буғӣ мекунанд».[28]

В.И.Ленин ҳама гуна мустамликадоронро, хоҳ ҳукумати подшоҳӣ бошад ва хоҳ ба истилоҳ «демократияи буржуазии ғарб», баробар хашмгинона мазаммат менамуд. Ин аст калиди ҷавоби суоли дувум. Агар соф омилҳои зоҳирӣ ба эътибор гирифта шавад, он гоҳ чунин ба назар мерасад, ки халқҳои Осиёи Миёна дар натиҷаи на ба ҳайати империяи Британия, балки ба ҳайати империяи Россия дохил шудан на чизе бурд кардаанд ва на бохтаанд. Вале дар чунин ҷавоб тафовутҳои махсуси ин ду давлати императорӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Ба замми он ки пролетариати Англия дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX бештарин ҳиссаи фаъолияти пешинаи револютсионии худро аз даст дод, вай аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳам аз мубориозони зиддимустамликавии Ҳинд хеле дур буд. Ба ин сабаб вай наметавонист онҳоро бо таҷрибаи муборизаи сиёсӣ ғанӣ гардонад, балки қисми муайяни он («ашрофи коргар») дар ин бобат рағбате ҳам зоҳир намекард.

Вале мо дар Россияи подшоҳӣ тамоман акси ин ҳолро мебинем. Дар ин ҷо маҳз пролетариат миллати ҳукмрон буд ва синфи коргари рус ба ҳаракатҳои револютсионии ҳамаи халқҳои мамлакати паҳновари сермиллат бевосита роҳбарӣ намуд. Вай ба муборизаи зидди тамоми навъҳои истисмор, зидди ҳама гуна зулму асорати дарбори подшоҳ ва атрофиёни он, ашрофи дворянӣ ва буржуазия, сарфи назар аз мансубияти миллии ин истисморгарону мустамликадорон – хоҳ рус бошанд ё украин, хоҳ белорус ё гурҷӣ, хоҳ тотор ё арман, хоҳ ӯзбек ё тоҷик ва ё миллати дигар, бевосита роҳбарӣ намуд ва ба озод кардани ҳамаи халқҳо аз шиканҷаи феодалӣ ва капиталистӣ ноил гардид.

Бинобар ин, мо ҳамаи асосҳоро дорем, то бигӯем, ки Осиёи Миёнаро истило кардани империяи Россия, ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна протсесси диалектикона тазод аст: вай баробари дучори асорат намудан ва ҷорӣ кардани шаклҳои нави зулми иқтисодӣ, сиёсӣ, миллӣ ва маданӣ, чи навъе ки таҷрибаи таърих нишон дод, ба худ ҷанинҳои озодии комили миллатҳои мазлумро, озодӣ аз ҳар навъ истисмори одамеро аз тарафи одами дигар, синферо аз тарафи синфи дигар, миллатеро аз тарафи миллати дигар низ овард. Маҳз барои ҳамин ҳам, бар тибқи далелҳои таърих, таъкид мекунем, ки ба ҳайати Россия дохил шудани халқҳои Осиёи Миёна на фақат барои ин халқҳо ва дигар халқҳои Россия, балки барои тамоми мардумони Шарқ низ оқибатҳои прогрессивии объективона дошт ва дорад.

---

[28] Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 39, с. 398.

# БОБИ ДУВУМ

# АҲВОЛИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА МУБОРИЗАИ ОН БАР ЗИДДИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ҲУКУМАТИ ПОДШОҲӢ (НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX)

## 1. СИЁСАТИ МУСТАМЛИКАДОРИИ ҲУКУМАТИ ПОДШОҲӢ

### Ду марҳалаи сиёсати иқтисодии ҳукумати мутлақа дар Осиёи Миёна. Роҳ ёфтани муносибатҳои капиталистӣ

Сиёсати дар Осиёи Миёна ҷорикардаи ҳукумати мутлақаи подшоҳиро ба ду марҳала ҷудо кардан мумкин аст: марҳалаи якум аз аввали футуҳот то солҳои 90-ум ва марҳалаи дувум аз замони барқарор гардидани давраи империалистии капитализм, яъне аз охири солҳои 90-ум то соли 1917.

Дар марҳалаи аввал сармояи давлати соҳибмустамлика ба истеҳсолоти Осиёи Миёна ҳанӯз фаъолона дахолат намекард ва аксаран бо миёнаравии савдогарони маҳаллӣ ба харидуфурӯши маҳсулот маҳдуд гардида буд. Воридоти сармоя ба Осиёи Миёна нисбатан кам буда, дар содироти моли хом ҳоло ягон навъи маҳсулот (чунонки баъдтар пахта ва пӯсти қарокӯлӣ гардид) мавқеи намоён пайдо накарда буд.

Марҳалаи дувум бо дахолати фаъолонаи сармоядорони давлати соҳибмустамлика ба ҷараёни истеҳсолоти Осиёи Миёна, бо тараққиёти соҳаҳои махсуси хоҷагии қишлоқ, ворид шудани сармоя ва афзудани роли банкҳо тавсиф меёбад. Кашида шудани хатти роҳи оҳан мавқеи сармояи Россияро дар Осиёи Миёна ва аз он ҷумла дар аморати Бухоро мустаҳкам гардонид.

Бо вуҷуди моҳиятан тафовут доштани як марҳала аз марҳалаи дигар бояд қайд кард, ки аз қадамҳои аввали бо қасди мустамликакунӣ ба Осиёи Миёна роҳ ёфтани ҳукумати подшоҳӣ сиёсати он барои ба эҳтиёҷоти саноати тараққикардаистодаи Россия мувофиқ гардонидани иқтисодиёти ин кишвар нигаронида шуда буд. Осиёи Миёна мебоист ба манбаи моли хоми аграрии давлати соҳибмустамлика табдил меёфт.

Пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар ин ноҳия муносибатҳои капиталистӣ рӯ ба инкишоф ниҳода бошанд ҳам, на ин ки боиси тавлиди саноати вазнин нагардиданд, балки ҳатто саноати бофандагӣ барин соҳаҳои нави саноат ба вуҷуд наомаданд. Иттиҳоди соҳибкорони саноати бофандагии Россияи подшоҳӣ бо тамоми ҷидду ҷаҳд намемонд, ки дар ноҳияҳои пахтакор саноати бофандагӣ пайдо шавад. Баъзе кӯшишҳои кушодани муассисаҳои

бофандагӣ, ки аз тарафи баъзе соҳибкорони маҳаллӣ карда шуд, дучори муқобилати сахти соҳибони корхонаҳои бофандагии Петербург, Иваново-Вознесенск, Москва, Кострома, Орехово-Зуево ва ғ. гардид. Дар дигар соҳаҳои саноат ҳам аҳвол чунин буд.

Пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна саноатдорони рус дар ин ҷо ба ташкили плантатсияҳои пахта сар карданд. Ба мисли плантатсияи «Хутори Андреев», ки дар Фарғона ташкил шуда буд, дар вилоятҳои Тошканд ва Самарқанд низ плантатсияҳо ба вуҷуд омаданд.

Бо вуҷуди ин, дар ҳамон шароите, ки дар парвариши пахта техникаи хеле ақибмонда ба кор бурда мешуд, соҳибони саноат ба ташкил намудани хоҷагиҳои плантатсионии фаровонҳосилу фоиданок муваффақ гардида наметавонистанд. Мардикорони рӯзбайъ, ки дар плантатсияҳо кор карда, музди ночизе мегирифтанд, баръакси деҳқонони чоряккор ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҳавасманд набуданд.

Пас аз он ки кори ташкили плантатсия барор накард, соҳибони саноат роҳи истифода намудани пахтаҷаллобони маҳаллиро пеш гирифтанд. Ба ин тариқа, дар соҳаи пахтакорӣ амалан ҳамон муносибати куҳнаи нимфеодалӣ нигоҳ дошта шуд.

Дар солҳои 70-80-ум ба ҷойи навъҳои ҷойдории пахта навъҳои нави нисбатан сермаҳсул ҷорӣ гардид. Ҳукумати подшоҳӣ барои ёрӣ расонидан ба тараққиёти босуръати пахтакорӣ дар Осиёи Миёна, ба пахтае, ки аз Америка мекашониданд, боҷи калон андохт. Ин тадбир барои боз ҳам бойтар шудани ҷаллобони маҳаллӣ, ки аз боло рафтани нархи пахта фоидаи зиёде ба даст меоварданд, боис гардид.

Осиёи Миёна барои саноати Россия ва, қабл аз ҳама, барои саноати бофандагии он манбаи моли хом ва бозори фурӯш гардид. Косибон ва ҳунармандони майдаи маҳаллӣ ба молҳои саноатие, ки аз Россия кашонда мешуданд, рақобат карда натавониста, шикаст мехӯрданд.

Дар солҳои 70-ум нақшаи сохтмони роҳи оҳан, ки Осиёи Миёнаро бо Россия бояд мепайваст, аҳамияти махсус пайдо намуд. Муҳокимаи ин масъала боиси ҳангомаю майлу рағбати ҳасудомези пурғаразы соҳибкорон шуд, зеро маълум аст, ки дар шароити капитализм кашидани роҳи оҳан барои дарёфти пулу фоидаи зиёд имкони фаровон муҳайё менамояд. Дар масъалаи самти роҳи оҳани Туркистон лоиҳаҳои бисёр пешниҳод мешуд; масалан, Барранд ном муҳандиси фаронсавӣ, ки замоне бо муаллифи лоиҳаи канали Сувайс – Ф.Лессепс ҳамкорӣ мекард ва худи Ф.Лессепс ҳам таклиф карданд, ки байни Лиссабон ва Калкатта роҳи оҳани трансконтинентие сохтан даркор, ки аз мобайни Осиёи Миёна гузашта меравад. Дар шароити буҳрони доимии молиявӣ ҳукумати подшоҳӣ ба сохтмони ин гуна иншоотҳои калон қудрат надошт. Кашидани аввалин хатти ҳозиразамони роҳи оҳан ин тақозои амалияи муқаррарии ҳукумати подшоҳӣ – тақозои футуҳоти Туркманистон буд. Ин роҳ аз соҳили баҳри Каспӣ, аз Красноводск сар шуда, дар навбати аввал мебоист барои эҳтиёҷи қӯшунҳои ба Аҳлтегин ҳуҷумкунандаи М.Д.Скобелев хизмат мекард.

Дар соли 1885 роҳи оҳан то Ашқобод, дар соли 1888 то Самарқанд ва дар соли 1898 то Тошканд кашида шуд. В.И.Ленин аҳамияти ин роҳи оҳанро дар

тақдири Туркистон махсус таъкид намуда, навишта буд: «Роҳи он тарафи Каспий барои капитал Осиёи Миёнаро «кашф» кардан гирифт».[1]

Аммо барои таъмини эҳтиёҷи ин кишвари беканор як хатти роҳи оҳан кам буд. Ба замми ин, роҳи оҳани мазкур ин кишварро бо ноҳияҳои марказии Россия бевосита намепайваст – борро ҳатман аз поезд ба киштӣ ва ё аз киштӣ ба поезд ҳамл кардан лозим меомад, ки ин корро ниҳоят душвор мекард. Ғайр аз ин, аз поезд ба киштӣ, аз киштӣ ба поезд баромадану фаромадани мусофирон ҳам ноқулай буд. Ба ин сабаб дар ибтидои асри XX сохтмони хатти нави роҳи оҳан сар шуд. Ин роҳ бояд шаҳри асосии кишвари Туркистон – Тошкандро бо Оренбург мепайваст. Сохтмони ин роҳ босуръат пеш мерафт ва инак соли 1905 хатти мовароикаспигии роҳи оҳани кишвар бо хатти роҳи оҳани Оренбург пайваста шуд. Табиист, ки табақаи дворяну помещикҳо ва буржуазии империяи Россия барои истисмори бештари сарватҳои табиӣ ва аҳли меҳнати Осиёи Миёна имкони фаровонтаре ба даст оварданд. Ба ноҳияҳои пахтакори водии Фарғона – шаҳрҳои Хӯқанду Андиҷону Марғелон расондани роҳи оҳан кори басо муҳим буд. Роҳ аз саросари шимоли Тоҷикистон гузашта рафт ва бо ҳамин маҳсулоти деҳқонон ва косибони тоҷик ба тамоми бозорҳои генерал-губернатории Туркистон ва ба дигар ҷойҳои Россия роҳ ёфт. Ба туфайли ин дар шимоли Тоҷикистон муносибатҳои капиталистӣ ба андозае инкишоф пайдо намуд.

Сохтмони роҳи оҳани моварои Каспӣ ва баъдтар роҳи оҳани Оренбург имкон доданд, ки дар зарфи якчанд даҳсола мубодилаи мол байни Россия ва Осиёи Миёна бештар аз 10 маротиба зиёд карда шавад. Вале молҳои русӣ на дар тамоми бекиҳои Бухоро фаровон буданд, ки сабаби ин мушкилии кашондани мол, суст будани муносибатҳои молию пулӣ ва баъзе дигар омилҳо буданд. Молҳои русӣ аз ҳама бештар дар бозорҳои водиҳои Тоҷикистон ба фурӯш мерафтанд, аммо ҷойи асосии фурӯши молҳои русӣ худи Бухоро буд, ки дар ин ҷо савдогарони бой ва худи амир аз саноатчиёну савдогарони рус харидҳои калон мекарданд.

Дар он ҷойҳои кишвар, ки рафтуомадаш душвор буд, ҳаннотии молҳои русӣ басо авҷ гирифт. Кӯҳистониён бо рағбати тамом молҳои арзони фабрикиро мехариданд. Тоҷирони абҷир, ки молҳои русиро меоварданд, бо нархи беҳад баланд онҳоро пул мекарданд. Азбаски кӯҳистониён пул надоштанд, савдогарон инро дастак карда, барои як сарбанди одии фабрикӣ аз деҳқони бечора 4 пуд гандум ва 1 гӯсфандашро кашида мегирифтанд. Шамъ, гӯгирд, собун, карасин, яъне он чизҳое, ки мардум пештар қариб истеъмол намекард, нағз ба фурӯш мерафт. Одамони бекҳо ва худи бекҳо ҳам аз ҳаннотиву савдогарӣ рӯ намегардонданд. Масалан, беки Қаротегин ба Фарғона як рама гӯсфанд оварда фурӯхту ба пули он бисёр молҳои русӣ харида, баъд онҳоро дар Қаротегин ба пули калон фурӯхта буд.[2]

Аз солҳои 70-уми асри XIX сар карда ҳукумати подшоҳӣ ба нияти ба вуҷуд овардани такягоҳи миллӣ ба миқёси васеъ дар Осиёи Миёна муҳоҷирони русро ҷойгир намуд. Ҳукумати подшоҳӣ дар хусуси пешрафти хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна хеле кам ғамхорӣ мекард. Ҳамчунон ки вай барои сохтмони

---

[1] Ленин В. И., Асарҳо, ҷ. 5. с. 85.
[2] ЦГА Уз. ССР И-19, оп. 1, д. 6002, л. 19.

системаи обёрӣ дар воҳаҳои асосии пахтакорӣ ҳеҷ як чорае намедид, хоҷагии муҳоҷиронро низ аз эътибор соқит намуда буд. Муҳоҷирон дар ҳама ҷо маҷбур мешуданд, ки аз системаи куҳнаи каналҳои обёрикунанда истифода баранд.

Аҳволи муҳоҷирони рус дар вилояти Самарқанд махсусан бад буд. Дар ин бора муосирон чунин навиштаанд: «Дар мобайни дашти шӯрхоки сӯзон деҳе сохтаанд... Чанд кулбаи амонатӣ, ки телбакорона бардоштаанд, дар гирду атроф на дарахте, на сабзае..., фақат дашти ҳомуну дашти ҳомун...». Муҳоҷирон гурӯҳ-гурӯҳ ба сафи бекорон дохил шуда, дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба феодалони маҳаллӣ ва кулакҳои рус муздурӣ ва мардикорӣ мекарданд. Меҳнаткашони тоҷик, ки қисми бештари аҳолии вилояти Самарқандро ташкил медоданд, ҳанӯз дар ҳамон вақтҳо боварӣ ҳосил карда буданд, ки коргарон ва деҳқонони камбағали рус, ки ҳамроҳи онҳо кор мекунанд, мисли меҳнаткашони маҳаллӣ аз ҷабру зулми ҳукумати подшоҳӣ дар азобанд. Ҳукумати помешикию буржуазии подшоҳӣ аз муҳоҷирони рус барои худ такягоҳи миллию синфие сохтанӣ буд, вале беихтиёр мусоидат кард, ки барои тавлид ва ривоҷи иттифоқи синфию миллии меҳнаткашони Осиёи Миёна бо деҳқонони камбағали рус, бо батракҳои рус, бо коргарони роҳи оҳану заводҳои пахтаву равған шароит фароҳамояд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар гӯшаву канорҳои империяи худ тартиботи асорати патриархалию феодалӣ, дарвоқеъ ҷорӣ будани ғуломдорӣ ва бесаводию нодонии мардумро қасдан барқарор медошт. Бисёр заминҳои ҳосилхез ба ихтиёри қисми дорои муҳоҷирон дода шуда, аҳолии маҳаллӣ ба заминҳои камҳосили баду вайрон ронда шуданд. Маълум, ки ин кор алангаи низои миллиро боло мекард. Ҳукумати подшоҳӣ ба ривоҷи мадании мардуми Туркистон мутлақо аҳамият намедод ва ночизтарин падидаҳои афкори инқилобиро бераҳмона нест мекард.

Дар кишвари Туркистон таъсис намудани системаи маъмурии ба истилоҳ «Идораи ҳарбии халқӣ» ба мақсадҳои мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ хизмат мекард. Кишвари Туркистон ба панҷ вилоят – Сирдарё, Фарғона, Самарқанд, Ҳафтрӯд (Семиречйе) ва Моварои Каспӣ (Закаспий) тақсим мешуд. Ҳар як вилоятро, ба истиснои Закаспий, ки дар он ҷо сардори вилоят менишаст, губернатори ҳарбӣ идора мекард. Вилоят ба уездҳо ва уезд ба приставиҳо ва вулусҳо ҷудо мешуд. Маъмурони вулусҳо аз аҳолии маҳаллӣ таъйин мегардиданд. Тадриҷан дар қатори феодалҳои куҳна одамони аз табақаҳои давлатманди аҳолӣ, аз он ҷумла ононе, ки ба табақаи ашрофи феодалии маҳаллӣ мансубияте надоштанд, низ «бо роҳи интихоб» ба вазифаҳои маъмурӣ ҷалб карда шуданд. Аммо намояндагони халқи меҳнатӣ ҳатто вазифаи оқсаққоли қишлоқ ва ё вулусро орзу ҳам карда наметавонистанд. Оммаи халқ дар худи интихобот ҳам амалан иштирок надошт.

Дар бораи «интихоботе», ки дар ибтидои асри XIX воқеъ гардида буд, шоҳидон чунин нақл мекунанд: барои интихоби оқсаққоли вулуси Қистакӯз (уезди Хуҷанд) аз тамоми деҳоти атроф бойҳо, муллоҳо, «элликбошиҳо»[3] ва арбобон ба қишлоқи Қистақӯз ҷамъ омаданд. Ба вазифаи оқсаққоли вулус ду

[3] Пасттарин мансаб дар генерал-губернатории Туркистон, ки аз ҳар 50 хоҷагӣ интихоб мешуд.

нафар муддаии давлатманд – Мирзо Баҳодурхон ва Муллобойро пешбарӣ карда буданд. Муллобой барои ришваи «интихобкунандагон» 2 ҳазор сӯм, ҳарифи ӯ бошад, ба ин мақсад 3 ҳазор сӯм пул ҷудо кард. Дар натиҷа Мирзо Баҳодурхон ба вазифаи оқсаққолӣ «интихоб» гардид.

Як гурӯҳ бойҳое, ки Муллобойро тарафдорӣ мекарданд, аз ин интихобот норозӣ шуданд. Онҳо маблағи зиёде ҷамъ намуда, дастнишондаи худро ба назди губернатори ҳарбии Самарқанд фиристоданд. Муллобой баробари расидан ба Самарқанд ба зани губернатор чанд ҳазор сӯм пул ва туҳфаҳои қиматбаҳо пешкаш намуд. Рӯзи дигар ӯро губернатор қабул карда гуфт: «Аз ҳамин рӯз эътиборан ту оқсаққоли вулус хоҳӣ буд». Ҳанӯз Муллобой ба Қистакӯз барнагашта, фармони губернатор дар бораи ба вазифаи оқсаққоли вулус тасдиқ гардидани ӯ расид.

Дар дигар ноҳияҳои генерал-губернатории Туркистон низ айни ҳамин ҳолат рӯй медод. Синфҳои истисморкунанда бо савобдиди худ одамонашонро ба вазифаҳои «интихобӣ» таъйин мекарданд ва аз кор мегирифтанд.

Оқсаққолон, ҳамин ки ба сари кор омаданд, одатан худсарӣ ва бедодгарӣ мекарданд. Зулму ситам ва порахӯрии маъмурони маҳаллӣ ниҳоятдараҷа ривоҷ гирифта буд. Кори маҳкамаҳо мисли пештара дар асоси шариат пеш бурда мешуд.

Ҳукуматдорони кишвари Туркистон дар баробари ба тарафи худ кашидани табақаи давлатманди аҳолии маҳаллӣ, ки ба хизмати ҳукумати подшоҳӣ гузашта буд, барои заиф гардонидани мавқеи иқтисодии ашрофи куҳнаи феодалӣ низ чораҳо пешбинӣ намуданд. Аз шахсоне, ки заминҳои вақфро истифода мебурданд ва аз соҳибони мулки хусусие, ки аз тарафи давлат бахшиш шуда буд, манзур кардани ҳуҷҷати собиткунандаи ҳуқуқи ба ин заминҳо доштаи онҳо, аз қабили вақфномаи тасдиқкардаи хон талаб карда шуд. Ин гуна ҳуҷҷатҳо хеле кам маҳфуз монда буданд. Бинобар ин миқдори зиёди заминҳои вақф ва мулкҳои хусусӣ давлатӣ карда шуданд. Заминҳои боқимондаи вақф аз ҳар гуна имтиёз ва бартариҳои молиётӣ маҳрум гардиданд. Ба ҳамин тариқа, ба манфиатҳои як қисми рӯҳониён ва ашрофи феодалӣ зарбаи ҷиддӣ расонида шуд.

Вале аҳволи деҳқонони меҳнаткаш аз ин ҳама чораҳо андаке ҳам ба беҳбудӣ рӯ наовард. Заминдорони калон мисли пештара барои истисмори деҳқонони бенаво, ки дар заминҳояшон чоряккорӣ мекарданд, имконият доштанд.

Тафтиши соли 1909 дар кишвари Туркистон гузаронидаи сенатор Пален муқаррар кард, ки аз ҷумла дар вилоятҳои Самарқанд ва Фарғона (яъне дар ҳамон вилоятҳое, ки бештари аҳолиро тоҷикон ташкил мекарданд) ҳуқуқи мулки хусусӣ дар камтар аз садяки тамоми заминҳои кишт ҷорист. Мулкдорони хурде, ки дар як порча замин аз рӯйи қоидаи нав дар асоси заминдории ҷамоатии хонаводагӣ кор мекарданд, маишати худро ҳеҷ таъмин карда наметавонистанд. Онҳо ба дасти судхӯрҳо афтода, хонахароб мешуданд, дар сурати адо накардани қарз ва ё надодани андоз аз заминашон маҳрум гардида, ба сафи чоряккорон ва батракҳо дохил мешуданд. Дар баробари ин аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ҷорӣ карда шудани усули ҳимоякунии якдигар дар адои андозҳо ба маҳфуз мондани муносибатҳои феодалӣ ва ба асорати

судхӯрҳо, феодалон ва маъмурон гирифтор шудани деҳқонони камбағал боз ҳам бештар мусоидат намуд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар соҳаи хоҷагии об, ки дар зироати Осиёи Миёна роли хеле муҳим мебозид, низ комилан тарафдори феодалон ва бойҳои калон буд. Онҳо тамоми манбаъҳои обро ба даст гирифта, аз байни худ миробҳо таъйин мекарданд ва ба ин васила дар қишлоқ хӯҷаини мутлақ гардида буданд.

Кори нимафеодалӣ ва нимағуломии иҷоравӣ беш аз пеш оммаҳои васеи деҳқонони муфлисро, ки дар замини бойҳои калон чоряккорӣ ва панҷяккорӣ мекарданд, фаро мегирифт.

Аҳволи ононе, ки дар корхонаҳои хурди фабрикмонанд кор мекарданд, беҳ аз ин набуд. Ин корхонаҳо асбобу ҷиҳозоти ночиз доштанду шароити кори онҳо касро ба даҳшат меовард. Кор то 12-16 соат тӯл кашида, рӯзе ҳамагӣ 40–60 тин музд дода мешуд. Дар заводҳои пахта одитарин воситаҳои муҳофизати саломатӣ, ҳатто ҳавотозакунакҳои одӣ набуданд, бисёр коргарон дучори дарди сил мешуданд. Манзили коргарон низ ниҳоят бад буд. Соҳибони корхонаҳо ба коргарон озуқаи пӯсидаву гандида медоданду аз музди ночизи онҳо пули зиёде меситонданд ва хуллас фоидаи калон ба даст меоварданд.

### Аҳволи косибон

Дар солҳои аввали баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна косибӣ ба андозае ривоҷ ёфт. Сабаб ҳамин буд, ки дар Осиёи Миёна шумораи аскару афсарони армияи подшоҳӣ хеле афзуд, барои таъмини онҳо бошад, ҳама чизро аз Россия меоварданд, ки ин ҳам гарон меафтиду ҳам барои кашондани ин қадар чиз нақлиёт намерасид. Барои илоҷи кор ҳукумати подшоҳӣ қарор дод, ки бигзор сарбозону афсарон баъзе чизҳои лозимаро аз косибони маҳаллӣ харанд, ана ин буд, ки косибӣ ба андозае ҷон гирифт.[4] Дар солҳои минбаъда дар сохти саноати косибӣ дигаргуниҳое ба вуҷуд омаданд, яъне баъзе хусусиятҳои муносибатҳои капиталистӣ ба он нуфуз карданд. Истеҳсолот беш аз пеш ба худ сурати истеҳсолоти молро мегирифт. Ин падидаро дар марказҳои калони косибӣ, дар шаҳрҳо, масалан, дар Бухоро равшан дидан мумкин буд. Дар Бухоро қариб 100 соҳаи косибӣ вуҷуд дошт.[5] Дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент, Конибодом, Ҳисор, Кӯлоб ва баъзе дигар шаҳрҳо косибӣ, умуман, хеле равнақ дошт.

Косибӣ дар ҳар як маҳалли кишвар вобаста ба манбаъ ва сифати моли хом, вобаста ба он ки аз марказ дур аст ё наздик, вобаста ба он ки чӣ гуна роҳҳо дорад –соҳиби хусусияти хос мегардид. Дар маҳалҳои баландкӯҳи Бухорои шарқӣ касбҳои хонагӣ маъмултар буд, ки дар ин шакли косибӣ муомилоти байни усто ва истеъмолгар, яъне байни молфурӯшу молгир фақат ба тавассути мол анҷом меёбад. Баъзе ноҳияҳо дар истеҳсоли ин ё он мол тахассус ҳам ёфта буданд.

Косибони Ҳисор асосан намаду моҳут мемолиданд, шолу арғамчин мебофтанд, пӯстак тайёр мекарданд. Ноҳияҳои ғарбии ин маҳал дар

---

[4] Мухторов А., 1964, с. 127–130.
[5] Сухарева О.Д., 1966, с. 190.

алочабофӣ, корсонтарошӣ, сабадбофӣ, хӯрҷиндӯзӣ, ҷуроббофӣ ном бароварда буд. Шофу шамшеру кордҳои кордгарони Қаротоғ шуҳрати баланд дошт.

Дар Душанбею водии Кофарниҳон чармгарӣривоҷ ёфта буд.

Дар Хуҷанд касби бофандагӣ басо маъмул буд ва беҳуда нест, ки дар ин ҷо гузар-гузар карбосбофон, шустагарон, абрбандҳо, шоҳибофон, пиллакашон ва ғ. буданд. Соли 1906 дар шаҳр 230 дӯкони шоҳибофӣ, чархресӣ, ҳаллоҷӣ ва ғ. вуҷуд доштанд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа гузарҳои махсуси кордгарон, дегрезон, кулолон, заргарон ва ғ. буданд.

Дар бекии Кӯлоб низ бофандагӣ яке аз касбҳои муҳим ба шумор мерафт ва дар ин касб занҳо низ бисёр ширкат доштанд. Занҳо дар хона пахтаро ҳаллоҷӣ мекарданд, мересиданд ва дар дастгоҳҳои бофандагӣ карбос мебофтанд, ки он ҳам барои эҳтиёҷи рӯзгор ва ҳам барои фурӯш мерафт. Аз калобаи кӯлобӣ мардуми Дарвоз низ карбос мебофтанд. Суфи кӯлобӣ ва ҷомаҳои карбосии кӯлобӣ хеле хушсифат буданд ва дар Бухоро ҳам тақдир мешуданд. Аз ашёи хоми маҳаллӣ барои қанору хӯрҷин карбос мебофтанд, моҳуту намад, шолу ҷуроб тайёр мекарданд. Ҳамаи ин корро асосан занон анҷом медоданд. Қолину гилемҳои хушсурати қиматбаҳо бо супориши бойҳо махсус дар ҳавлии онҳо тайёр карда мешуданд.

Дар Бухоро низ бисёр гузарҳои чармгарон буд (Чармгарони Боло, Чармгарони Поён), ки дар ин ҷо чармҳои аълосифати хомак, кемухтӣ, саноҷу далвҳо, машкҳо истеҳсол мешуд. Мӯзадӯзию маҳсидӯзию кафшдӯзию лаҷомсозӣ низ дар ҳамин гузарҳо маъмул буд. Косибони бойи Чармгарони Поён аз чорвофурӯшон пӯсти зиёде харида, онро чарм карда мефурӯхтанд.

Дар Муъминобод ҳам чармгарону мӯзадӯзону лаҷомсозон бисёр буданд. Шоҳибофию пиллакашӣ ҳам дар ин ҷо хеле равнақ дошт.

Деҳқонони Кӯлоб ҳам кирмакдорӣ карда, пиллаи худро дар бозорҳо мефурӯхтанд. Дар шаҳр аз он пиллаҳо ришта кашида ва онро ранг дода, боз ба бозорҳои Кӯлоб бурда мефурӯхтанд.

Дар охири асри XIX Кӯлоб маркази муҳимми касбу тиҷорат шуд. Дар бисёр дӯконҳо аз ашёи зироат маҳсулот тайёр мекарданд. Равғани кунҷид ва зағири Кӯлоб эҳтиёҷи ноҳияро таъмин мекард. Ордкашӣ ҳам хеле ривоҷ ёфта буд. Аслиҳасозон милтиқу шамшер, кордгарон кордҳо месохтанд. Маҳсули кори мисгарон тамоми талаботи мардуми ин маҳалро таъмин карда, дар ҷойҳои дигар ҳам ба фурӯш мерафт.

Касбу косибӣ дар Ҳисор ҳам басо маъмул буд. Ғайр аз карбосу яроқу аслиҳаву маснуоти чармгарӣ дар ин ҷо ҳам алоча мебофтанд, ки шуҳрати зиёде дошт ва баъзе намудҳои он хеле қимат ҳам меистоданд. Масалан, баҳои ду тӯби як навъи он 20 сӯм буд.[6]

Оҳангарони маҳаллӣ ба дараҷаи баланд тахассус доштанд. Онҳо наъл, каланд, дос, табар, тири чархи осиё ва ғайра месохтанд.[7]

Кулолони Ҳисор (хусусан занони моҳири кӯҳистон, ки бо кулолӣ шуғл доштанд) дар амал асбобу абзори одиро кор фармоянд ҳам, бо зарфҳои сафолӣ тамоми ноҳияи Ҳисор ва ноҳияҳои ҳамсояро таъмин мекарданд.

---

[6] Маев Н.А., 1879, с. 191.
[7] Ҳамроев М., 1959, с. 43.

Аз охири асри XIX сар карда дар байни шаҳрҳои ин ноҳия аз ҷиҳати ривоҷи тиҷорату саноат тадриҷан Душанбе ба мадди аввал баромад. Шояд яке аз сабабҳои ин ҳамин ҳам бошад, ки беки Ҳисор онро бошишгоҳи тобистонии худ қарор дода буд.

Аз ҷумлаи аҳолии Душанбе бисёр бофандагон, оҳангарон, зингарон ва чармгарони моҳир буданд.

Баробари обод шудани роҳҳои тиҷорату савдо моли косибони тоҷик беш аз пеш дар бозорҳои хориҷи Бухорои шарқӣ ба фурӯш мерафтанд.

Истеҳсолоти серсоҳаи косибони Бухорои шарқӣ бо маснуоти бадошту назаррабои устоёну чеварони гулдасти худ шуҳрати азим ёфта буд. Дар маснуоти онон ҳамон анъанаҳое инъикос меёфтанд, ки таърихи бисёрҳазорсола доштанд. Ба ин маъно истеҳсолоти косибон аҳамияти махсус дорад. Вале ҳамчун сирф истеҳсолот бисёр нуқсу иллатҳо дошт ва ҳатто барои ҳамон даврае, ки мавриди тадқиқ қарор дорад, куҳна шуда буд.

Истеҳсолоти давраи феодализм, ки дар чорчӯбаи рисолаҳову ҷамъиятҳои косибон маҳдуд буд, дар ҳамон шакли куҳнаи анъанавии худ монда, дар муддати мадид ҳеҷ дигар нашуда буд.

Корхонаҳои косибон ягон ҷиҳози техникӣ надоштанд ва кор асосан дастӣ анҷом дода мешуд. Тайёр кардани маснуот меҳнати зиёдеро талаб мекард, дараҷаи маҳсули меҳнат нисбат ба фабрикаҳо хеле паст буд, барои ҳамин ҳам арзиши аслии моли косибон нисбат ба моли фабрика хеле болотар меистод. Ба замми ин ҳукуматдорони феодалӣ ба косибон хироҷу андози бешумор меандохтанд, ки ин ҳам арзиши моли онҳоро баланд мебардошт.

Баробари аз маркази Россия омадани молҳо вазъияти косибон якбора табоҳ шуд. Дар марҳалаи аввал соҳибкорони рус– соҳибони фабрика, завод, савдогарони калон – талаботи бозорҳои Осиёи Миёнаро ба тафсил омӯхтанд ва анвои моли худро маҳз ба ҳамин талабот муносибу мувофиқ намуданд. Дере нагузашта аз Россия ба бозорҳои Осиёи Миёна читҳои гулдор, чойнику пиёлаву косаву табақҳои чинӣ, маснуоти мисин, сӯзан, собун, карасин, чарчинворӣ барин молҳои фабрикӣ омадан гирифтанд, ки нархи онҳо аз нархи моли косибони маҳаллӣ хеле пасттар буданд, зеро дар фабрика тайёр карда мешуданд. Дар аввалҳои соли 1910 молҳои русӣ тамоми бозорҳои Осиёи Миёнаро зер карда гирифтанду аксари молҳои косибони маҳаллиро танг карда баровარданд.

Пеш аз ҳама, касби бофандагӣ сахт шикаст ёфт. Шоҳидон навиштаанд, ки чити алвони русӣ,[8] матоъҳои катонию лифию ҷуттии русӣ махсусан нағз ба фурӯш мерафтанд. Маснуоти бофандагӣ 2/3 ҳиссаи воридоти молҳои русӣ буд. Яке аз шоҳидони он давра навиштааст: «Бо имони комил метавон иддао кард, ки аз нисф бештари шоҳиворӣ ва ҳатто либосҳои дӯхта – ҷомаву куртаи занона ва катон, ки дар бозори Бухоро ба фурӯш мераванд, моли масковӣ аст».[9] Бозори маснуоти оҳанӣ – сим, мех, ғулбаҳои оҳанӣ хеле тез шуд. Асбобҳои чинию мисин ҳам нағз ба фурӯш мерафтанд. Милтиқҳои русӣ ва дигар яроқу аслиҳаи русӣ хеле эътибор пайдо кард. Бозори сӯзангарони таҳҷоӣ касод шуд. Харидорон собуни қимат ва бадсифати ҷойдориро монда, собунҳои арзону

[8] Губаревич-Радобилский А., қ. 5., с. 79
[9] Гулишамбаров С. И. 1913, с. 219.

хушбӯйи русиро мехариданд. Бисёр косибон маҷбуран тарки касб карданд. Дар кишвар бекорию бенавоӣ зиёд мешуд. Вале дар айни ҳол, ба корхонаҳои саноатии Бухоро унсурҳои капиталистӣ бо зӯр ва шиддати тамом сар медароварданд.

## 2. ВАЗЪИЯТИ ОММАИ ХАЛҚ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН ВА АМОРАТИ БУХОРО

Дар натиҷаи ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна шаклҳои асримиёнагии хоҷагӣ беш аз пеш вайрон гардид: дар солҳои 80-ум нуфуси шаҳрҳо афзуда, нахустин корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд омаданд. Дар дохили феодализм муносибатҳои капиталистӣ торафт қувват мегирифт. Меҳнаткашони тоҷик, ӯзбек, туркман, қирғиз ва дигар халқҳое, ки таҳти истисмори феодалони маҳаллӣ, рӯҳониёни иртиҷоъпараст, бойҳо ва судхӯрҳо қарор гирифта буданд, пас аз Осиёи Миёнаро истило кардани ҳукумати подшоҳӣ дучори ҷабру зулми иловагии амалдорони ҳукумати подшоҳӣ, тоҷирон ва судхӯрони беруна гардиданд.

Пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дере нагузашта дар Хуҷанд фабрикаҳои на чандон калони коркарди ашё кушода шуданд, ки онҳоро ҳам соҳибкорони рус ва ҳам бойҳои маҳаллӣ таъсис медоданд. Соли 1870 фабрикаи пиллакашӣ кушода шуд. Соли 1873 дар қишлоқи Деҳмойи қарибии Хуҷанд як савдогари рус заводи хурди шаробкашӣ кушод. Ғайр аз ин заводҳои шиша, чарм (дар Ӯротеппа) ва меваю арақ сохта шуданд. Солҳои 1891–92 аввалин заводҳои пахта ба кор даромаданд. Соли 1895 дар Хуҷанд аллакай 16 корхонаи саноатии заводмонанд кор мекарданд, ки 125 коргар доштанд. Дар охирҳои асри XIX дар шаҳр 5 заводи пахта вуҷуд дошт, ки дутои онҳо аз они бойҳои маҳаллӣ буд.[10]

Вазъияти аҳолӣ дар аморати Бухоро, ки қисми зиёди тоҷикони Осиёи Миёна дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, назар ба кишвари Туркистон бадтар буд.

Усули идораи аморат, ки пеш аз истилои ҳукумати подшоҳӣ мавҷуд буд, бе ҳеҷ гуна тағйирот давом кардан гирифт. Аморати Бухоро ба 27 вилоят (бекигарӣ) тақсим гардида, ба ҳар яке аз онҳо бек ё ҳоким, қозӣ, раис ва муфтӣ аз тарафи амир таъйин карда мешуд. Ҳоким мебоист корҳои давлатӣ, маъмурӣ ва зироатиро идора мекард, қозӣ дар асоси шариат корҳои маҳкамаро ба ҷо меовард, раис аз тарафи аҳолӣ иҷро шудани фармоишоти дину шариатро назорат менамуд ва муфтӣ ҳамчун «донандаи» қонунҳои шариат дурустӣ ё худ нодурустии ин ва ё он ҳодиса ва иқдомотро фаҳмонда медод. Ҳамаи ин касон дар навбати аввал ва асосан манфиати доираҳои ҳукмрон ва фоидаҳои шахсии худро таъмин мекарданд. Ҳокимони вилоятҳо, ки ба воситаи амлокдорҳо ва дигар одамони худ корҳои замин ва молия, ҷамъ кардани хироҷ, ушр ва ғайраро идора менамуданд, дар ҳалли ин масъалаҳо комилан худсарона амал мекарданд, аз аҳолӣ чӣ ситондан ва ба хазина чӣ супурдани онҳоро касе тафтиш намекард.

---

[10] Раҷабов С., 1954, с. 17-19.

Мингбошӣ, амин, оқсаққол ва арбобҳо, ки ба сифати намояндаи аҳолӣ таъйин мешуданд, одатан ба кирдори ҳоким ва дигар амалдорони амир пайравӣ мекарданд. Ин ҳол боиси ривоҷ ёфтани ғоратгарӣ ва порахӯрӣ гардида, ба иқтисодиёт зарбаи сахт ворид меоварад ва зиндагонии бе ин ҳам сахти аҳли меҳнатро ба дараҷаи тоқатнопазирӣ мерасонид.

Хусусан аҳволи оммаи васеи мардуми Бухорои шарқӣ бағоят вазнин буд. Қариб тамоми аҳолии ин маҳалҳоро тоҷикон ташкил медоданд. Ҳукумати амирӣ аслан Бухорои шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо назар ба қисми ғарбии аморат тартиботи сахттаре ҷорӣ намуд. Табақаҳои ашрофи қадимаи ин ҷо, сипоҳ ва нукарҳо, рӯҳониён, заминдорони калон ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфтанд. Ба ин гурӯҳҳои болонишини истисморкунанда аз баҳодур[11] (дар бекии Ғарм аламон) то додхоҳ[12] ҳар гуна рутба ва мансабҳо дода мешуд. Мансабҳои олитар фақат ба сипоҳиёни дарбори амир бахшиш мегардид. Амир ба ивази маош ба ин сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Деҳқонони ин қишлоқ амалан дар ҳолати крепостной буданд.

Ин деҳқонон комилан дар ихтиёри танхоҳхӯр буданд. Соҳиби танхоҳ бо майли худ духтарҳоро мебурд, ҳавлиҳои деҳқононро кашида мегирифт ва боз ҳар чӣ ки хоҳад, мекард. Дар аморат мансабу вазифаҳои баланд рӯирост харидуфурӯш мешуд, ки ин ҳам аҳволи мардумро беш аз пеш табоҳтар менамуд. Солҳое, ки дар Қаротегин ҳокимони амир Алмосбек (1886–1892) ва Муҳаммадмуродбии парвоначӣ (1842–1904) ҳукмронӣ мекарданд, харидуфурӯши мансабу вазифа ва унвону рутба қариб, ки ба расмият даромада буд. Собиқ амлокдори Ҳоит – Мирзо Нуруллобек хабар додааст, ки барои нукари одӣ шудан 1200–2000 танга ришва додан лозим буд. Агар ин гуна нукар дар шаҳр ва ё қалъае ба хизмати ҳарбӣ таъйин шавад, аз ҳама гуна андоз озод карда шуда, ғайр аз ин барои таъмини маош ба ихтиёраш ду «буна» хоҷагии деҳқонӣ дода мешуд. Агар нукар худаш ҳавлию боғу замин дошта бошад, дар ин сурат ба вай «буна» дода намешуд, вале ба ҳар ҳол ягон андозе ҳам намедод. Мансаби қаровулбегӣ хеле қиматтар, 2-4 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри қаровулбегӣ 4 «буна» дода мешуд. Қаровулбегие, ки дар хизмати амир бошаду дар айни ҳол молу мулку замин ҳам дошта бошад, уҳдадор буд, ки ба фоидаи хазинаи амир ушр (даҳяки ҳосил) ва «амал», яъне 21 танга хироҷи заминро ҳам диҳад.

Мансаби мирохур 3-5 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри мирохур 4-10 «буна» дода шуда, худаш ғайр аз ушр аз тамоми хироҷу андозҳо озод карда мешуд.

Тӯқсабо барои соҳиб шудан ба мансаб бояд 5-10 ҳазор танга ришва медод. Ба ихтиёраш бошад, то сад «буна» дода мешуд ва худ аз ҳама андозҳо озод буд.

Мансаби аз ин болотар эшикоғобошӣ ба соҳибаш 6–15 ҳазор танга меафтид, вале 150-200 «буна» мегирифту андозе намедод.

Ниҳоят мансаби «бий», ки онро худи амир медод (дигар мансабҳои аз ин поёнро худи беги Қаротегин мефурӯхт ва аз ин харидуфурӯш хӯҷаинаш, яъне амирро ҳатто огоҳ ҳам намекард), ба соҳибаш ба пули калон – 10-20 ҳазор

[11] Баҳодур ё аламон – аз поин нахустин мансаби баланди аморати Бухоро.

[12] Додхоҳ – яке аз болотарин мансабҳои аморати Бухоро, ки дар маротиб ёздаҳумин аст.

танга меафтид. Вале бар ивази ин ҳар як бий (онҳо ҳамагӣ дар Қаротегин аз даҳ нафар беш набуданд) то 300 буна мегирифт, ки бо ҷабру зулми гӯшношунид онҳоро истисмор карда, қусури хароҷоташро мебаровард.

Мансабу рутбаҳои динӣ ҳам бемалол харидуфурӯш мешуду дар ин бобат ҳам як навъ «тақсимоти меҳнат» вуҷуд дошт, яъне мансабҳои поёниро бек тақсим мекарду мансабҳои болоро худи амир мефурӯхт. Ҳуқуқи додани мансабу унвони қозикалон, ду ноиби он ва раис фақат ба амир тааллуқ дошт ва дар ин бобат фақат худи амир ярлиқ дода метавонист. Инро ҳам ҳатман гуфтан даркор, ки қобилияти давлатдорӣ, истеъдоди роҳбарию ташкилӣ бар ин сифатҳои шахс мутлақо ба эътибор гирифта намешуд. Ҳар касе, ки бештар пора диҳад, соҳиби ҳуқуқу имконияти бештаре мешуду тақдири садҳо, ҳазорон ҳазор деҳқону косибонро, ки дар муҳити тираи аморат чун ғуломони безабон умр ба сар мебурданд, ҳал мекард.

Дар тамоми дигар бекиҳои аморат вазъият айнан чунин буд.[13] Албатта, ин гуна тартибот ба маъмурони амир маъқул ва мувофиқи табъ буд. Онҳо ҳатто дар хурдтарин мансаб нишаста, дар зарфи ду-се сол сарвати бисёре ҷамъ мекарданд. Хотирнишон бояд кард, ки вақте ки дар соли 1917 амир барои амалдорон вобаста ба вазифаашон маоши муайян муқаррар карданӣ ва андозҳои худсаронаро барҳам доданӣ шуд, ин чунон мавҷи эътироз ва норизоиятиро ба вуҷуд овард, ки амир ба даст кашидан аз чунин нияти худ маҷбур гардид.

Ҳокимони вилоятҳо, алалхусус дар Бухорои шарқӣ, дар ғорат ва таҳқир кардани аҳолӣ ягон ҳадду ҳудудро намедонистанд. Яке аз сайёҳони рус дар хусуси давраи ҳукмронии Мирмурод ном ҳокими Қаротегин чунин навиштааст: «Ин як солномаи тамомест аз кирдукори бераҳмона ва худсарии бениҳоят».[14] Ин ҳоким садҳо деҳқононро ба адои корҳои ройгон маҷбур мекард. Ӯ устоҳои дуредгарро дар Ғарм чанд моҳ дар сармои зимистон бемузд кор фармуда буд.

Ҳамаи заминҳои аморати Бухоро ба чунин категорияҳои юридикӣ: заминҳои амлокӣ, амирӣ, вақф ва милк тақсим шуда буд. Заминҳои хусусӣ нисбатан кам буда, ба бойҳо ва амалдорони калон тааллуқ доштанд.

Деҳқононе, ки дар қитъаҳои хурди заминҳои амлокӣ ва вақфҳо кор мекарданд, амалан дар вазъияти крепостноӣ буданд. Ба ивази истифодаи порчаҳои ночизи замин аз онҳо дар шаклҳои гуногун молиёти зиёде ситонда мешуд.

Деҳқонон аксар вақт бо номи «ҳашар» дар заминҳои амлокдор ва дигар амалдорони калон тамоман бемузд кор фармуда мешуданд. Онҳоро бо номи «бегор» низ ба корҳои сохтмони иморатҳои амир ва мансабдорони ӯ, таъмир ва тоза кардани ҷӯйборҳо ва ғайра ҷалб менамуданд. Деҳқонон уҳдадор буданд, ки маҷбуриятҳои гуногуни ҳамлунақлиро ҳам ба ҷо оваранд. Тамоми корҳо аксаран аз чор се ҳиссаи вақти деҳқонро мегирифт.

Масалан, дар бекигарии собиқи Ҳисор чунин навъҳои андоз вуҷуд дошт. Деҳқонон барои истифода аз заминҳои обӣ хумс, яъне панҷяки ҳосилотро ва аз заминҳои лалмӣ ушр, яъне даҳяки ҳосилотро медоданд. Ғайр аз ин, амлокдор

---

[13] Ниг.: Юсуфов Ш., 1964. Ҳамроев М., 1959, с. 38, 39.
[14] А.С., 1904

бо ивази «меҳнат»-и худ дар кори андозғундорӣ расман аз ҳар як ботман (тақрибан 12 пуд) ҳосили замини обӣ як нимхӯрд (32 қадоқ) ва замини лалмӣ нимчоряк (8 қадоқ) ҳақ меситонид. Доруға (амалдори хурди хироҷ), ки ба хирман назорат мекард, ба тариқи кавсан муҳрона мегирифт. Ҳиссаи мироб баробари ҳиссаи амлокдор буд. Оқсаққол аз ҳар ботман нимчоряк, ё худ панҷяки нимхӯрд дарёфт мекард. Ниҳоят домуллоимом ҳамагӣ ду ғалбери 64 қадоқа «ҳаққи Аллоҳ» ва кавсан мегирифт. Пас аз ҳамаи инҳо дарвешу қаландарҳо омада, назр талаб мекарданд.

Илова бар хироҷи заминҳои кишт дигар хел андозҳо аз қабили закот, ки аз ҳайвонот, боғот ва муомилоти пулӣ рӯёнда мешуд, закоти чагона, андози коҳ, дала (савсор), яъне андози мӯинае, ки шикорчиҳо пайдо мекарданд, чормағзпулӣ ва амсоли инҳо вуҷуд доштанд.

Гаевский ном инженер, ки дар он солҳо ба бекии Қӯрғонтеппа сафар карда буд, манзараи аз тарафи амалдорони амир толону тороҷ шудани деҳқононро хеле аҷиб тасвир кардааст: «Одатан, ҳамин ки деҳқон ҳосилро даравида дар хирманҷо кӯфта, зери назорати нозир онро тӯб мекунад, амалдори дигар, яъне доруға омада онро муҳр мекунад. Тарзи муҳргузорӣ чунин аст: доруға дар болои пораҳои кулӯх муҳр монда, он кулӯхпораҳоро дар болои тӯби гандум ба тартиби муайян мечинад. Пас аз ин дигар хирманро посбонӣ намекунанд, зеро агар ба тӯби гандум андак даст расад, ҷойи кулӯхпораҳо дигар шуда, дуздӣ ошкор мешавад.

Пас аз муҳр кардани ҳосил онро амлокдор омада мебинад ва тахминан бо назардид ва як газ чӯб муайян мекунад, ки дар хирман чанд ботман ҳосил ҳаст. Дар ин хел мавридҳо одатан деҳқон доду вой мебардорад ва аслашро гирем, дар ин сурат мувофиқи қонун ҳосилро баркашида санҷидан даркор, вале ин корро дар ҳеҷ куҷо намекунанд. Баъзан чун шоҳидони холис оқсаққол, ё амини деҳро ҷеғ мезананд, вале одатан худи амлокдор дафтарчаашро мебарораду ба доду войи деҳқон нигоҳ накарда менависад, ки «фалонӣ фалон қадар ҳосил гирифтааст».

Миқдори умумии ҳосил ана ҳамин хел тақрибан муайян мешаваду вале минбаъд кор аз ин ҳам бадтар мегардад. Нархи бозорро мепурсанду вале онро 10-15 фоиз кам карда ба деҳқон хабар медиҳанд. Баъд мувофиқи қоидаи амир ҳафтяк ё панҷяки ҳосил гуфта, сеяк ва ҳатто нисфи онро кашида мегиранд. Бар замми ин агар андоз ба шакли пул талаб карда шавад, ҳама гандуми худро ба бозор мебароранд, ки талабот ба он зиёд нест ва нархи гандум якбора паст шуда меравад ва барои додани пули сеяки ҳосил (ки бе ин ҳам миқдори умумии ҳосилро бардурӯғ зиёд навишта буданд), деҳқон маҷбур мешуд, ки ду маротиба бештар гандум фурӯшад».[15]

Ин толону тороҷи рӯирости ваҳшиёна дар тамоми ноҳияҳои аморат дида мешуд. Капитани штаби генералии Россия Покотило, ки соли 1886 аз Деҳнав ба Қаротоғ сафар карда буд, ниҳоят дар ҳайрат мондааст, ки чаро дар заминҳои ду тарафи роҳи 50-60 чақрима, ки нағз обёрӣ ҳам мешуданд, ҳеҷ чиз накоштаанд. Маълум шуд, ки ба касофати хироҷу андозҳои миёншикан мардум қишлоқҳои худро партофта, ба кӯҳҳо гурехта рафтаанд. Дар кӯҳсорон онҳо чорво парварида, барои эҳтиёҷи худ дар заминҳои лалмӣ андак кишт

[15] АВПР Среднеазиатский стол, д. 304, лл. 8–11.

мекардаанду бас. «На молу мулк ва худи ҳаёти табааи амири Бухоро ягон василаи таъмин надоранд,– менависад Покотило ва илова мекунад: – натиҷаи ин авзои нохуши моддию маънавии халқ ҳамин аст, ки мардум ба ҳукумати амир ва ба намояндагони ин ҳукумат – бекҳо табиатан нафрат доранд».[16]

Дарвоқеъ, вақте тоҷикон – ин мардуми меҳнатдӯст, ки чандин асрҳо пеш дар ин ҷойҳо маскун шудаанду соҳиби маҳорати баланду қадимии зироатпарварӣ мебошанд, маҷбур шудаанд, ки замину ҳавливу ҷойҳои худро партофта, қариб ҳаёти нимкӯчӣ ба сар баранд, пас аз ин нисбат ба як даста феодалони ғоратгар, ки сардорашон амир буд, нафрат надошта чӣ ҳам дошта метавонистанд?!

Ҳатто П.М.Лессар барин мушоҳид, ки аз рӯйи вазифааш «гумоштаи сиёсии императори Россия дар аморати Бухоро» буду ба танқиди сахти тартиботи амир ҳеҷ ҳавас надошт, дар «Қайдҳо оид ба авзои сиёсӣ ва иқтисодии аморат» (1891) ном асараш менависад, ки дар айни андозҷамъкунӣ бисёр суиистеъмолу худсариҳо мешавад, миқдори ҳосилро тақрибию бардурӯғ муайян мекунанду андозро на дар шакли мол, балки пулакӣ меситонанд ва зимнан пули андоз аз будаш хеле зиёдтар рӯёнда мешавад».

П.М.Лессар маҷбур шудааст иқрор намояд, ки «ҳатто дар ноҳияҳои бойтарин ҳам деҳқонон заминҳои худро партофта, ба Самарқанд гурехта истодаанд, то аз подоши бақияҳои беохири андоз раҳо ёбанд. Ононе, ки илоҷи фирор надоштанд, барои адои қарзи андоз будушуди худро, ҳатто духтарони худро ба Самарқанд бурда фурӯхтанд ва бо ҳамин онҳоро ба роҳи бад андохтанд».

П.М.Лессар гапашро давом дода менависад: «Ҳамаи ононе, ки ба водии Зарафшон ва ноҳияҳои ҳамҷавори он рафтаанд, хабар овارданд, ки ҳоли мардум табоҳ аст. Ҳоли мардуми бекиҳои кӯҳистони Бухорои ҷанубӣ ва шарқӣ бошад, аз ин ҳам бадтар аст, зеро дар ин ҷойҳо барои андак беҳ шудани аҳволи мардум ҳеҷ кор карда нашудааст. Ин касофатро рафъ кардан муҳол аст»– ғамгинона суханашро ба поён мерасонад П.М.Лессар.[17]

Дарвоқеъ, чанд сол пеш аз ин қайдҳои иқтибос овардаи мо, 16 ноябри 1887 сардори уезди Самарқанд ба губернатори ҳарбии вулуси Самарқанд навишта буд, ки мардуми Кӯлобу Дарвозу Қаротегин «аз муомилаи ноодилонаву сахт ва зулму асорати доимии ҳукуматдорони Бухоро ба танг омада шӯриш карданд». Вай навишта буд, ки мардуми ин ҷойҳо «дар маҷлиси умумии худ қарор додаанд, ки илоҷе ёфта, аз Бухоро ҷудо шудан даркор».[18]

Вазъият дар дигар ҷойҳо ҳам пуршиддат буд.

Ҷангу ҷидолҳои дохилии феодалӣ ва ба ҳукумати подшоҳӣ додани товони ҷанг ба вазъияти хазинаи аморати Бухоро бетаъсир намонд. Амир Музаффар роҳҳои пур кардани ҷойи ин хароҷотро ҷустуҷӯ менамуд. Қисми заминҳои вақф ба фоидаи аморат мусодира карда шуд. Илова бар ин, амир ба қозиҳо иҷозат дод, ки бо ҳар восита аз аҳолӣ пул ҷамъ кунанд. Ҳамчунин фармоишоте буд, ки як ҳиссаи ин пулҳо ба тариқи туҳфа, молу мулки бесоҳиб ва бақияҳо ба худи амир дода шавад. Ҳамин тариқа, муҳимтарин вазифаи аморати Бухоро аз

[16] ЦГА Уз. ССР, И. 1, Оп. 34, д. 670, лл. 72-75.
[17] ЦГУ Уз. ССР Ф-И-3, оп. 2, д. 20, в 118–119.
[18] ЦГ ВИА СССР, ВУ А/с, д. 556, ч. II, л. 83.

тороҷи халқи меҳнаткаш ва фурӯ нишондани ҳама гуна муқобилатҳои зидди ин ғоратгарӣ иборат гардида буд.

Ҳар он касе, ки изҳори норозигӣ мекард ё лоақал андаке ба амалдорони амир итоат накарданӣ мешуд, ба ҷазоҳои ваҳшиёна гирифтор мегардид. Ҳар як ҳоким метавонист одамонро бе ҳеҷ як асос ба зиндон партояд ва аз хонаву оилаашон маҳрум созад. Маҳбусони бадбахт, ки бо ягон баҳонае ба зиндон афтода буданд, дар шароити тоқатфарсое зиндагӣ мекарданд. Онҳо дар зиндонҳои тираву ифлос бо пойҳои кундазада ва дасту гардани ишкелбанд дар замини мартуб ва ё рӯйи як бӯрёе нишаста ё хуфта аз ҳисоби бахшишҳои хешовандони худ ва садақаи хайркунандагон рӯз мегузаронданд. Касоне, ки хешу ақрабо доштанд, гоҳо ба воситаи пули зиёде ришва додан ба ҳоким аз зиндон озод мешуданд, вале аксаран одамони бекас тамоми умри худро дар маҳбусӣ ба сар мебурданд. Дар шаҳрҳои аморати Бухоро «гунаҳкорон»-ро одатан дар рӯзҳои бозор, дар пеши назари мардум ҷазо медоданд. Барои андак гуноҳе шахси гунаҳкорро ҳафтоду панҷ чӯб мезаданд, зарбаҳо бо дарраҳои сахт бо шиддати тамом ба тахтапушти бараҳна расонда мешуд.

Дар аморати Бухоро тарзҳои ваҳшиёнаи қатлу куштор, ба мисли овехтан, буридани гулӯи маҳкум ва ба воситаи ресмон ва ғарғара қин карда куштан хеле бисёр ба амал меомад.

Ҳукумати подшоҳӣ ҳокимияти худро дар Осиёи Миёна барқарор карда бошад ҳам, барои тағйир додани сохти истибдоди Бухоро ҳеҷ гуна чорае надид, балки зиёда аз он, қасдан ин сохтро боз ҳам пойдортар гардонд. Агарчи одамони пешқадами Россияи онвақта борҳо ба муқобили «тартибот»-и аморати Бухоро изҳори эътироз намуданд, аммо бо вуҷуди ин пуштибонии ҳукумати подшоҳӣ аз амир ва усули давлатдории ӯ давом кардан гирифт.

Чунин буд хусусияти асосии авзои сиёсии Осиёи Миёна. Ҳукумати подшоҳӣ тартиботи дарун ба дарун гандидаву пӯсидаи феодалию асримиёнагии Бухоро ва Хеваро фаъолона дастгирӣ мекард. Ин иттиҳоди болонишинони ҳукмрону доро буд, ки бар зидди он тадриҷан иттиҳоди меҳнаткашон ва оммаҳои истисморшавандаи ҳамаи миллатҳо арзи вуҷуд менамуд.

П.М.Лессар иқрор мекард, ки: «Калонони Бухоро ва мардум шакке надоранд, ки ҳама гуна шӯриш бо аслиҳаи қӯшунҳои рус пахш мегардад, худсарии амир бошад, ҳад надорад».[19]

Тақрибан пас аз бист сол генерал-губернатори Туркистон – Самсонов дар маълумоте, ки ба номи Раиси Совети Вазирон 29 декабри соли 1911 ирсол карда буд, таъбири аниқтару дақиқтареро кор мефармояд: «Ягона монеаи аз зулми амир озод шудан (яъне озод шудани аҳолии аморати Бухоро – Б.F.) сарнайзаҳои қӯшуни русҳо мебошад».[20] Ҳукуматдорони подшоҳӣ ононеро, ки тоҷикону ӯзбекҳову дигар меҳнаткашони Бухороро буғӣ мекарданд, ҳарҷониба дастгирӣ намуда, дар айни ҳол эътироф мекарданд, ки дар ин кишвар алангаи ғазаби халқ боло шуда истодааст. Дар ахборе, ки сардори штаби асосӣ – Н.Н.Обручев 4 декабри соли 1883 аз Тошканд гирифта буд, ин ибораҳоро дидан мумкин аст: «Амир дар тахт барои ҳамин ором нишастааст,

[19] ЦГА Уз. СССР, д. И-3, оп. 2, д. 20., л. 109.
[20] Дар ҳамон ҷо, у И-2, оп. 1, д. 35, лл. 2–3.

ки ба туфайли қину азобу ҷазоҳои беохир ба дили мардум воҳима андохтааст ва бо ёрии ана ҳамин зулму тааддӣ (ва дастгирии кӯшунҳои Россияи подшоҳӣ – илова мекунем мо – Б.Ғ.) имкон ёфта, алангаи шӯру ғазаби мардумро, ки гоҳ дар ин ҷову гоҳ дар он ҷо боло мешуд, фурӯ менишонад. Дар нахустин ноомади кор револютсия мешавад, ки он на ба худи амир, на ба писараш–вориси тахт Сайид Абдулаҳадхон тараҳҳум намекунад».[21]

Воқеияти Осиёи Миёна дар даҳсолаҳои минбаъда нишон дод, ки ин гуна баҳо ба вазъияти онвақта комилан дуруст будааст.

## 3. ҲАРАКАТҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ДАР ОНҲО ИШТИРОК КАРДАНИ ТОҶИКОН

Дар хоки генерал-губернатории Туркистон ва ҳамчунин дар қаламрави аморати Бухоро муттасил шӯру ошӯбҳои халқӣ ба амал меомаданд. Дар ин ҳаракатҳо тоҷикон низ баробари дигар халқҳои Осиёи Миёна фаъолона иштирок доштанд. Шӯришгарон участкаҳои политсияро хароб мекарданд, ба работу ҳавлиҳои феодалҳо ҳамла меоварданд, амалдоронро мекуштанд. Хусусан дар доираи аморати Бухоро, ки ғоратгарӣ ва зулму тааддӣ нисбат ба мардум ҳадду ҳисоб надошт, зуд-зуд шӯришҳои халқӣ ба вуқӯъ меомаданд.

Сабаби асосии шӯришҳое, ки тамоми бекигариҳои Бухороро фаро гирифтанд, ҳамин буд, ки андозу хироҷҳо бо усулҳои ваҳшиёна ситонда мешуданд, миқдори бе ин ҳам зиёди онҳо рӯз ба рӯз меафзуд, ба андозҳои пештара андозҳои нав зам мегардиданд, ба замми андозҳои умумии аморат боз андозҳои маҳаллӣ илова мешуд, як андозро чанд бор меситонданд, амлокдорон барои фоидаи худ бисёр суиистеъмол мекарданд ва ғайраву ва ҳоказо. Дар як ҳуҷҷате, ки амалдорони амир тартиб додаанд, гуфта мешавад, ки амлокдорон худсарӣ карда, аз деҳқонон андозро дуболо ситондаанд. Аз кишти шабдор ба ҷойи 6 танга 12 танга ва аз боғ ба ҷойи 26 танга 52 танга гирифтаанд.[22]

Агар ҳаминро ба назар гирем, ки андози сершумори мавҷудаи аморати Бухоро аҳли меҳнатро ба дами ҳалокат расонда буд, ба осонӣ тасаввур кардан мумкин, ки ин найрангҳои амлокдорон мардумро то ба кадом дараҷаи қаҳру ғазаб оварда метавонистанд. Бедодию худсарии амлокдорон дар аксари ҷойҳо охирин қатрае мегардид, ки косаи сабри мардумро лабрез менамуд. Баъзан чунон худсарию бедодиҳои ҷиддӣ содир мешуд, ки дар шӯриш табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва ҳатто баъзе ходимони пешқадами маъмурияти русҳо ҳам иштирок мекарданд.

Мо дар назди худ чунин вазифае гузошта наметавонем, ки тамоми шӯришҳои халқии охири асри XIX ва аввали асри XX-ро муфассал таҳлил намоем, ба ин сабаб фақат баъзеи онҳоро мавриди назар қарор медиҳем.

Вале баъзан чунин ҳодисае ҳам мешуд, ки рӯҳониён ва феодалони аз имтиёзҳои пештараи худ маҳрумгардида ошӯбҳои халқии бар зидди ҳукумати подшоҳӣ ва дигар золимон равоншударо ба мақсадҳои тамаъкоронаи худ

---

[21] ЦГ ВИА СССР, ВУ А/с, д. 558, л. 36.
[22] Мӯҳсинова Қ. З., 1965, с. 12.

истифода мекарданд. Бинобар ин, ҳаракатҳои прогрессивии халқиро, ки манфиатҳои оммаи меҳнаткашро ифода мекард, аз ҳаракатҳои дорои хусусияти миллатчигии феодалӣ, ки умуман ба муқобили «русҳо» нигаронида шуда буд, фарқ кардан лозим аст.

Шӯриши соли 1898-и Андиҷон маҳз ҳамин гуна шӯриши иртиҷоӣ буд. Аксари муаррихони республикаҳои Осиёи Миёна шӯриши соли 1898-ро ба шӯриши халқӣ мансуб кардаанд.[23] Ҳол он ки тадқиқи муфассали шароиту муҳити ин шӯриш касро ба чунин хулосае меоварад, ки ин шӯриш шӯриши иртиҷоӣ, шӯриши зиддихалқӣ буд.

18 майи соли 1898 (бо усули куҳна) «халифа Муҳаммадалӣ» ном пешвои тасаввуф, ки бо номи «Дукчӣ Эшон» низ машҳур буд, бо як даста пайравони худ, ки шумораашон қариб 1500 нафар буд, дар шаҳри Андиҷон ба гарнизони русҳо ҳамла кард. Балвогарон соати 3-и шаб овозу садое набароварда, тамоми аскаронро дар ғафлат мононда, ҳуҷум карданду зуд як баракро печонида гирифтанд. Дар ин мобайн дар дигар баракҳо солдатҳо бедор шуда берун ҷастанд ва ҳамлаваронро дур партофтанд. Дар ин шабохун 2 унтер-афсару 19 аскари қаторӣ кушта шуда, 14 кас сахт ва 5 кас сабук маҷрӯҳ гардиданд. Худи ҳамон рӯз муайян шуд, ки пайравони Дукчӣ Эшон шаҳрҳои Ӯш, Марғелон ва баъзе дигар ҷойҳоро гирифта будаанд. Вале дар ин шаҳрҳо шӯриш нашуд, яъне мардум ба сардорони ин суиқасд пайравӣ накарданд. Иштирокчиёни асосии ин балво муридҳо – пайравони ашаддии тасаввуф буданд. Мувофиқи тақозои тасаввуф, мурид бояд аслиҳаи мутеъю гапдарои пири худ бошад ва бояд бечунучаро супоришу гуфтаҳои ӯро ба иҷро расонад. Ана барои ҳамин ба Дукчӣ Эшон ба ин осонӣ муяссар гардид, ки пайравони худро аз роҳ занаду ба ҳамлаи зидди қӯшунҳои рус, ки кори ниҳоят хавфноку таваккалӣ буд, таҳрик намояд.

Пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна пешвоёни тасаввуф он нуфузе, ки дар идораи мамлакат ва муридони худ пештар, масалан, дар аҳди хонҳои Хӯқанд доштанд, аз даст доданд. Сабаби дар ҳаракати соли 1898 қувваи асосӣ будани пешвоёни тасаввуф ҳам дар ҳамин аст. Баробари пешвоёни дин дар ҳаракати Дукчӣ Эшон 2 додхоҳ, 2 бек (собиқ амалдорони хон) низ ширкат доштанд. Баъзе маълумотҳое ҳастанд, ки Дукчӣ Эшон бо султони Туркия алоқа доштааст ва ҷосусони султон бевосита дар балво иштирок ҳам кардаанд. Айнан дар ҳамон вақт дар Осиёи Миёна пайдо шудани бисёр ҷосусони амири Афғонистон касро ба ақидае водор мекунад, ки нӯги риштаи ин дасиса дар дасти империализми Англия буд. Шиори балвогарон – «ғазовот» шиори иртиҷоӣ буд ва на танҳо зидди амалдорони подшоҳ, балки умуман бар зидди русҳо нигаронида шуда буд.

Баъзе таърихчиён гӯё прогрессивӣ будани ҳаракати соли 1898-ро нишон доданӣ шуда чашм мепӯшанд, ки Дукчӣ Эшон ва ақрабои вай пайравони худро доимо фиреб медоданд. Яқин аст, ки Дукчӣ Эшон бо ҳилаву найранги бисёр «валӣ» ва «хизрназаркарда» будани худро нишон доданӣ мешуд.

[23] Дар нашри аввали «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) мо ҳам ин шӯришро нодуруст тафсир дода будем. Дар нашри дувуми китоб ва дар мақолае, ки дар журнали «Вопросы истории» (№ 2, 1953) чоп шуда буд, ин хатои худро ислоҳ кардем.

Ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна таассуби диниро ҳарҷониба дастгирӣ менамуд, то бо ин роҳ ҳам мардумро дар итоат ва ҷаҳолат нигоҳ дорад. Дар бисёр деҳаҳо раисоне кор мекарданд, ки онҳоро худи Дукчӣ Эшон таъйин мекард ва онҳо бояд ба риояи қонуну қоидаҳои дин назорат менамуданд. Аксар вақт раисҳо мардумро барои андак вайрон кардани талаботи дин бераҳмона калтаккорӣ мекарданд. Маъмурияти подшоҳӣ ба ин худсариҳои Дукчӣ Эшон аҳамият намедод ва гумон надошт, ки фаъолияти Дукчӣ Эшон зидди худаш низ нигаронида шудааст. Пиру шайхҳо дар байни мардум тарғибот бурда мегуфтанд, ки сабаби бад шудани аҳволи онҳо на фақат пурра риоя накардани шариат, балки ҳамин ҳам мебошад, ки ба Осиёи Миёна «кофирҳо», яъне русҳо омадаанд. Ин тарғиботи зиддирусӣ барои ҳамин ҳам каме асар дошт, ки водии Фарғона ҳамчун ноҳияи асосии пахтакорӣ аз таъсири бозори ҷаҳонии пахта берун монда наметавонист. Дар бозори ҷаҳонӣ паст шудани нархи пахта бошад, аҳволи Фарғонаро бад кард, яъне дар ин ҷо ҳам бозори пахта касод шуд. Азбаски бисёр деҳқонони Осиёи Миёна аз банкҳо қарз доштанд, якбора паст шудани нархи пахта онҳоро хонахароб кард. Хушк омадани солҳои 1897-98 ва нашудани ғалла аҳволи деҳқононро тамоман табоҳ намуд.

Аммо оммаи васеи меҳнаткашони водии Фарғона Дукчӣ Эшонро дастгирӣ накарданд. Дар аксар шаҳру деҳот, ки он ҷо пешвоёни тасаввуф нуфуз доштанд, деҳқонон ба Дукчӣ Эшон лаънат мехонданд, ки чунин дасиса кардааст. Мақсади балвои Дукчӣ Эшон барқарор кардани ҳокимияти хон буд. Ҳатто эълон карданд, ки хоҳарзодаи ноболиғи Дукчӣ Эшон хон хоҳад шуд.

Балвои Дукчӣ Эшонро дар соли 1898 ҳаргиз ҳаракати халқӣ, ҳаракати миллии озодихоҳӣ гуфтан мумкин нест. Ин балво, ки мақсад аз он барқарор кардани ҳукумати хон, барқарор кардани имтиёзи аркони дину феодалҳо буд, кишварро ба қафо мекашид, ба вартаи асрҳои миёна мепартофт ва аз ин рӯ ҳаракати сирф иртиҷоӣ буд.

## Ошӯбҳои халқӣ дар бекии Балҷувон

Дар солҳои 70-уми асри XIX дар бекии Балҷувон ошӯбҳои пурзӯри халқӣ ба амал омаданд. Соли 1870 ду ҳазор деҳқонон аз худсарию зиёд шудани миқдори хироҷу закот ба шӯр омада, қалъаи Балҷувонро муҳосира карданд. Яке аз косалесони амир «Абдулкаримбек» ном одаме, ки писари собиқ беки самарқандӣ – Шералии иноқ буд, дар ҳамин қалъа менишаст ва сабабгори зиёд шудани хироҷу закот ҳам худаш буд. Ба ҳар ҳол, бек аз ғазаби халқ тарсида ба Ҳисор гурехт. Ин баромади мардум мутлақо номуташаккил буд, барои ҳамин ҳам деҳқонон қалъаро гирифтанду молу мулки онро байни худ тақсим карда, ҳамон дам хона ба хона пароканда шуданд.

Чӣ ҷойи ҳайрат аст, ки ин ошӯбро ҳамон дам дастаи аскарони ҳокими Ҳисор – Яъқуб қушбегӣ пахш кард. Чанд ошӯбгарро ба дор кашиданд, бисёриҳо ба Дарвоз гурехтанд. Абдулкарим боз ба Балҷувон баргашта, мисли пештара худсарӣ кардан гирифт.[24] Маъмурияти маҳаллӣ бошад, аз нияти деҳқонон воқиф буд ва ҳатто яке аз мингбошиҳо ба деҳқонон сарварӣ ҳам

[24] ИТН, т. И-2, 1964, с. 175–176. Ҳамроев М., 1959, с. 80–81. Стеценко И.А., 1963, с. 103-104.

кард. Сардори округи Зарафшон ба генерал-губернатори Туркистон ахбор дода, диққати ӯро ба мавқеи феодалони маҳаллӣ ҷалб карда буд, ки онҳо ният доштанд ошӯбҳои халқиро ба фоидаи худ ба кор баранду аз Бухоро ҷудо шаванд ва истиқлоли «сиёсӣ» ба даст оваранд.[25]

Моҳи декабри соли 1874 дар Балҷувон боз ошӯб шуду сабабаш боз ҳамон худсарии амлокдорон дар бобати хироҷу андоз буд. Ин дафъа лақайҳои ӯзбек шӯриданд. Аз нодонии сиёсии шӯришгарон истифода бурда, онҳоро фиреб доданд, ки ба амир арз намоянд ва ҷавоби аризаро маътал бошанд. Дар ин мобайн сардори дастаи қӯшунҳои Бухоро 7 нафар сардори шӯришро дастгир намуда, ба зиндон партофт[26] ва бо ҳамин шӯриш анҷом ёфт.

Моҳи марти соли 1871 дар Ғузор шӯриши стихиявӣ шуд. Сардори округи Зарафшон ин воқеаро ба генерал-губернатори Туркистон арз карда навишта буд, ки сабаби ошӯб гуруснагӣ аст.[27] 11 марти соли 1871 деҳқонони гуруснаи атрофи Қаршӣ қалъаи шаҳрро гирифта, бозорро тороҷ карданд. Ин ошӯб ҳам стихиявӣ буд.

### Ошӯбҳо дар дигар маҳалҳои Осиёи Миёна

Соли 1872 дар Хуҷанд, соли 1873 дар Пашӣ ном деҳаи Ӯротеппа ошӯбҳои калон шуданду барои қатъи онҳо ҳатто аскар даъват карданд. Соли 1875 дар Ӯротеппа ҳам мардум сахт ошӯб бардоштанд, ки сабабаш ҳамон зиёдии хироҷу андоз буд. Ошӯбгаронро баъзе коркунони маъмурияти русҳо ҳам тарафгирӣ карданд ва далолат намуданд, ки ситондани андозҳои нав хилофи қонун аст.[28] Моҳи ноябри соли 1880 дар Хуҷанду Ӯротеппа боз мардум ба шӯр омаданд ва сабаб боз ҳамон нодуруст ситондани андоз буд, ки дар ин кор маъмурияти подшоҳии уезди Хуҷанд ҳам ширкат дошт. Сарварони ошӯб – Раҳмонқулхоҷӣ, Тиллохоҷӣ, Миркомилбой ва баъзе дигарон ҳабс карда шуданд.

Дар солҳои 1885-86 мавҷи тавонои шӯришҳои халқӣ қариб тамоми маҳалҳои тоҷиконро фаро гирифт. Деҳқонони вилояти Шӯрообод, Муъминобод, Кӯлоб, Ҳисор, Балҷувон ва Деҳнав ба шӯриш хестанд. Вазъияти вилояти Шӯрообод ниҳоят шадид буд. Ба сабаби худсарона зиёд кардани андозҳо деҳқонон тамоман хонахаробу хонабардӯш шуданд. Амалдорони поёнии маъмурияти вилоят ниҳоят пуртаҳлука будани вазъиятро дониста, фаҳмиданд, ки хоҷагии вилоят ба ростӣ ҳам хароб шудааст ва ба ин сабаб ошӯбгаронро тарафгирӣ карданд.

Кӯҳистониёни Деҳпаркент охири октябри соли 1885 ба амлокдорон андоз надоданд ва аз номи худ ба амир одам фиристоданд. Дар ҷавоби шикояти деҳқонон андозро бори дигар ҳисобу китоб карданду вале чунон карданд, ки талаботи мардум қонеъ нашуд, бинобар ин ошӯбгарон аз додани андоз боз сар кашиданд. Барои тафтиши ҷанҷол аз Бухоро «ясовул Бобоҷон ҷебачӣ» ном

[25] ЦГ ВИА, д. 1396, оп. 1, д. 1571, л. 51–52.
[26] ЦГА Уз. ССР, ф. И. Л. 1, оп. 34, д. 236, л. 22–270 б. Рапорти И. Маев ба генерал-губернатор дар санаи 1 июли соли 1875.
[27] ЦГА Уз. ССР, ф. И-Л. 1, оп. 34, д. 109, л. 17.
[28] ЦГА Уз. ССР, ф. и. 1, оп. 22, д. 147 лл. 1-2, Х-13, 17; Мухторов А., 1964, с. 147–150.

амалдори амир омад. Дар натиҷаи тафтише, ки бо ғарази тамом қозию ҳоким гузаронданд, намояндагони ошӯбгарон ба дурӯғгӯӣ муттаҳам гардида, ба зиндон партофта шуданд. Пас аз як сол 10 октябри соли 1886 боз ошӯб такрор шуд, ки ин дафъа ба ошӯбгарон баъзе намояндагони синфҳои доро – хоҷаҳо, бойҳо, оқсаққолҳо[29] ҳам ҳамроҳ шуданд, ки ин ҳаракатро ба манфиати худ истифода бурданӣ буданд. Боз ба амир ариза доданд, ки аз деҳқонон 50–60 фоизи ҳосил ба тариқи андоз гирифта мешавад.

Ин ошӯб ба дараҷае воҳима андохт, ки маъмурияти Бухоро маҷбур шуд роҳи ҳилаву найрангро пеш гирад. Барои тафтиши ариза аз Бухоро Муллошароф мирохур омада, фармуд, ба дасти деҳқонон маншуре диҳанд, ки миқдори андозро аниқ муқаррар менамуд ва ҳамин тариқ, анъанаҳои дар ин маҳал мавҷударо гӯё ба расмият даровард. Ин иқдоми маъмурияти Бухоро танҳо муваққатан гузашт кардан буд. Зулму асорати андоз бошад, аз пеш беш мешуд, бинобар ин мардум умеди худро канда ҳавлию заминҳои худро партофта, баромада рафтан гирифтанд, зеро замин дигар ба онҳо қути лоямут ҳам дода наметавонист.

Дар Муъминобод ҳам вазъият аз ин бадтар буд. Соли 1884 ва чанд соли аз ин пеш барои мардуми вилояти Кӯлоб ниҳоят вазнин омад, зеро аксари зироат аз хушкӣ сӯхта рафту боқимондаи онро малах нобуд кард. Соли 1885 пас аз чанд соли беҳосилӣ бори аввал андак ҳосил шуда буд, ки амлокдорон қарзҳои солҳои пештараро ҳам талаб карданд. Ғайр аз ин миқдори андоз ҳам зиёд карда шуд. Одамонеро, ки барои шикоят ба Кӯлоб фиристода буданд, ба зиндон партофтанд. Амалдорони ҳокими Кӯлоб – Муҳаммадназирбекро, ки ба Муъминобод барои андозғундорӣ омаданд, деҳқонон дошта заданд. Пас аз ин деҳқонон хонаву замини худро партофта, ба Балҷувон рафтанд ва умед доштанд, ки беки Балҷувон онҳоро паноҳгоҳ медиҳаду муҳофизат мекунад. Вале ҳокими Балҷувон нахост, ки ба кори ҳамсояаш дахолат кунад ва ба деҳқонон маслиҳат дод, ки ба манзили худ баргарданд. Моҳи декабри соли 1885 ошӯб ба авҷи аълои худ расид. Деҳқонон аз касе напурсида, аз хирманҳо ғалларо ба хонаҳои худ бурданд, аз додани андоз сар кашиданд ва ба амир одам фиристоданду содалавҳона гумон доштанд, ки решаи ин касофат дар худи ҳамин ҷойҳо мебошад. Ҳокими Кӯлоб дар навбати худ аз амир илтимос кард, ки барои қатъи ошӯб аскар диҳад. Ошӯб пахш гардид, вале ҳокими Кӯлоб – Муҳаммадназирбекро худи амир аз кор гирифт. Аммо ин аҳволи мардумро беҳ накард.

Дар миёнаҳои соли 1880 дар Ҳисор ҳам вазъият ниҳоят тезутунд шуд. Мубориза барои замину об, муборизаи зидди асорати андозу хироҷ бо муборизаи шадиди косибон, ки барои андак беҳ шудани зиндагии қашшоқонаи худ мебурданд, зич пайваст мегардид. Соли 1886 дар Қаротоғ косибони бофанда, ки кироя кор мекарданд, шӯриш бардоштанд. Шӯришро косибони муздури Солеҳ Олимбой[30] сар карданд, вале дере нагузашта шӯриш косибон ва дӯконҳои дигарро ҳам фаро гирифт. Ошӯби бофандагон тез паҳн мешуд, шумораи онҳо қариб ба ҳазор нафар расид. Косибон зидди муомилаю

[29] ЦГА Уз. ССР, ф. 4-126. оп. 1, д. 1267, л. 72, 76.

[30] Маҷлисов А. номи ин одамро ҳамин хел зикр кардааст, 1967, с. 294; Ҳамроев М. мегӯяд, ки номи ин одам Солеҳ Одинабоев буд, 1959, с. 81–82.

муносибати ваҳшиёнаи соҳибкорон, зидди беҳад дароз будани рӯзи кор мубориза мебурданду бар замми ин музди кор ниҳоят кам ва шароити меҳнат ниҳоят вазнин буд. Яке аз «бобоён»-и ҷамъияти бофандагон миёнравӣ карду вале натиҷае надод. Вазъият торафт бадтар мешуд. Ба якчанд соҳибкорони беҳад золиму ҳарис рӯирост гуфтанд, ки кушта мешаванд. «Саид мингбошӣ» ном амалдори ҳукуматӣ ҳам ба миён даромада, тарафҳоро оштӣ доданӣ шуд, вале ин ҳаракат ҳам бенатиҷа монд. Дар ниҳояти кор соҳибони дӯконҳо маҷбур шуданд, ки гузашт карда, баъзе талабҳои ошубгаронро иҷро намоянд. Масалан, маоши онҳо, ки 2 танга (30 тин) буд, 6 танга (90 тин) карда шуд.[31]

Айнан дар ҳамин вақтҳо, июли соли 1886 мардуми Ҳисор на фақат аз додани андозу закот саркашӣ карданд, балки ба замми ин яке аз амлокдорони ҳарису бераҳмтарини амир – Абдурраҳмон мирохурро дошта заданд.

Тирамоҳи соли 1886 баромадҳои деҳқонон, ки соли 1885 сар шуда буд, алалхусус, дар ноҳияҳои соҳили дарёи Яхсу якбора авҷ гирифт. Кӯҳистониён ҳам аз додани андозҳои беҳад сар печида, ба назди амир одам фиристоданд. Мардум умед доштанд, ки ин ҷаллоди бераҳм лаҷоми нукарони зархариди худро кашида мемонад, вале ин умеди мардум барабас рафт. Ба сари деҳқонон дастаи ҷазодиҳандае фиристода шуд, ки аксари аҳолиро қир карда партофт. Чандин деҳаҳо оташ зада шуд. Ононеро, ки роҳбари ошӯб дониста шуданд, ба Бухоро оварданд ва дар ҳамин ҷо сар заданд.

Кӯҳистониёнро барои ҳамин ин қадар ваҳшиёна ҷазо доданд, ки ба ҳисориён ибрат шавад, чашми дигар ошӯбгарон тарсаду ба тақдирашон тан диҳанд. Вале кӯҳистониёни диловар ба тақдири шуми худ тан надоданд ва яроқ ба даст гирифтанд. Соли 1887 деҳқонони ноҳияи Ромит шӯриш бардоштанд. Онҳо ҳам ба дод омаданд, ки андозу хироҷи чорво, мӯйина ва ғ. бархилофи қонун (агар тартиботи ваҳшиёнаи аморати Бухоро умуман «қонун» ном чизе дорад гуфтан раво бошад) зиёд карда шудааст.[32] Аҳолии Ромит яроқ дар даст зидди зулми феодалӣ бархоста бо як андоза содадилӣ ба ҳукумати подшоҳӣ аз ин зулму асорат шикоят карданд. Масалан, капитани Штаби генералии Россия Лилиентал, ки дар охирҳои асри XIX ба Ҳисор омада, рафта буд, менависад, ки мардуми Ромит аз худсарии амалдорони амир чанд бор ба вай шикоят карда буданд.

Соли 1894 Лилиентал дар бораи сафари худ ба Ҳисору Қубодиён асаре навишта, онро ба табъ расонд. Вай дар ин асараш менависад: «Ҳанӯз соли севуми корам мерафт, ки он кӯҳистониён ба назди ман омада, аз ҳукуматдорони Бухоро рӯйрост арзу дод карданд ва маро илтиҷо доштанд, ки ҳимоят кунам... Дар кӯҳистон муносибати мардум ба ҳукуматдорони Бухоро... он қадар ҳам дӯстона не» – мегӯяд ин афсари армияи подшоҳӣ.[33]

Ҳоҷати баён нест, ки аз капитан имдод пурсидани аҳли Ромит боиси касофат нашуда бошад ҳам, якпула фоида ҳам нарасонд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ ҳам ба майли тамом бо амири Бухоро ва калоншавандаҳои табақаи феодалҳову хонҳо ҳамкорӣ мекарданд.

[31] Ҳамроев М., 1959, с. 82.
[32] Маҷлисов А., 1967, с. 294.
[33] Лилиентал, 1894, с. 314.

Дар солҳои 80-ум зидди андозҳои миёншикан деҳқонони Деҳнав шӯриш бардоштанд. Аз мардум назар ба миқдори маъмулии андоз бист маротиба зиёдтар гирифтаанд. Ба Бухоро аризае фиристонданд, ки онро баробари деҳқонон намояндагони маъмурияти маҳал, арбобҳо ва оқсаққолҳо ҳам имзо карда буданд. Амир ин аризаро гирифта, пас аз тадқиқ фармуд, ки амлокдорон аз кор гирифта шаванд, зеро маълум шуд, ки қисми зиёди маблағи андозҳоро худи амлокдорон ба киса задаанду бо ҳамин хеле бой шуда рафтаанд. Аммо дигар кардани амлокдорон зиндагии деҳқононро дигар накард, зеро иллат дар худи низоми тартиботи андозгирӣ буд.

Дар Деҳнав боз шӯриш шуд, ки ин дафъа Эрназар-паҳлавон ном деҳқоне ба он сарварӣ мекард. Шӯришро беки Деҳнав – Абдурраҳмон пахш карда, 48 кас ба дор кашида шуд, ки худи ҳамин аз миқёси шӯриш далолат медиҳад.

Ҳамаи ин шӯришу ошӯбҳо барои ҳаракати азиме, ки соли 1885 тамоми бекиҳои Балҷувону Кӯлобро фаро гирифт, гӯё замина тайёр карданд[34] ва ин шӯриш дар адабиёти таърихӣ аз номи пешвои он Восеъ – чун «шӯриши Восеъ» маълум аст. Ин шӯриши ҳақиқатан халқӣ ин тавр ҷараён дошт.

Бо сардории Восеъ деҳқонони атрофи Ховалинг ба ҳавлии амлокдори Ховалинг дарафтоданд, ҳавлиҳои дигар бою муллоҳоро ҳам ба хок яксон сохтанду пас аз ин Восеъ ба деҳаҳои Балҷувону Кӯлоб одамони худро фиристод, ки мардум дар ҷанги зидди амир ба вай ҳамроҳ шаванд. Ҷавобан ба ин даъвати Восеъ ҳазорон деҳқонон, ки аз зулму асорати ҳукумати амир ба танг омада буданд, дар атрофи Восеъ гирд омаданд. Мардум бо сарварии Восеъ роҳи Балҷувонро пеш гирифт. Шӯришгарон аввал ният доштанд, ки ба назди ҳоким одам фиристанду бо маслиҳат миқдори андозро андаке кам кунанд. Аммо кор ранги дигар гирифт. Чанд нафар намояндагони шӯришгаронро ба даруни қалъаи Балҷувон роҳ доданду аз паси онҳо дарвозаро бастанд. Ба назди деҳқонон бошад, чанд муллоро фиристоданд, ки дар байни шӯришгарон низоъ андозанд ва онҳоро аз роҳ зананд. Муллоҳо ба панду насиҳат даромаданд, ки мардум бояд ба умеди «илтифот»-и ҳоким бошанду аз пайи зиндагии худ шаванд. Вале деҳқонон ба ин панду насиҳат гӯш накарданд ва маътали бозгашти намояндагони худ шуданд.

Дар ҳамин лаҳза якбора дарвозаи қалъа во шуду ба сари шӯришгарон сарбозони ҳокими Балҷувон фурӯ рехтанд ва бо ин ҳамлаи ногаҳонӣ шӯришро ба якборагӣ пахш карданӣ шуданд. Вале Восеъ фавран деҳқононро саф ороста, ба мудофиа омода сохт ва онҳо худ ба ҳуҷум гузашта, сарбозонро гурезонданд ва қалъаро гирифтанд. Ҳокими Балҷувон ғайри пой ба каф гирифта гурехтан дигар илоҷе надошт.

Шӯришгарон қалъаро фатҳ намуда, намояндагони худро, ки нукарони ҳоким онҳоро ваҳшиёна калтаккорӣ карда, ба зиндон андохтаанд, раҳоӣ доданд. Баъд қӯрхонаи қалъаро кушода, аслиҳаро байни худ тақсим намуданд. Се шабонарӯз қалъаи Балҷувон дар дасти шӯришгарон буд. Хатои калони шӯришгарон ҳамин шуд, ки барои паҳн гардидани шӯриш ба дигар маҳалҳои водии Кӯлоб, ҳамчунин ба Ҳисору Қӯрғонтеппа ҳеҷ тадбире наандешиданд. Аз ғалабаи худ мамнун шуда, қадаме аз Балҷувон берун намонданд.

---

[34] Болдирев А., 1936; Шодиншоев А., 1936; Ғафуров Б.Ғ. ва Прохоров Н.И., 1944, с. 154–156; Искандаров Б.И., 1954; Стетсенко И.А., 1963; с. 105–111.

Дар ин мобайн ҳокими Балҷувон ба Кангурт расида, аз он ҷо ба ҳокимони Кӯлобу Ҳисор чопар фиристод, ки фавран ба имдод оянд, худаш бошад, сарбозони худро ҷамъ кард, савдогарон, хизматгузорони маъмурияти маҳаллӣ, рӯҳониён ва дигар душманони шӯришгаронро ҷамъ овард. Бо ин лашкар ҳоким боз ба сари Балҷувон тохт ва қалъаи Балҷувонро гирифт.

Восеъ бо ҳамсафони худ аз қалъаи Балҷувон ақиб гашта, деҳаи Кангуртро гирифт ва дар ин ҷо деҳқонони атрофи Кангурту Қизилмазорро ҷамъ карда, бори дувум қалъаи Балҷувонро ишғол намуд. Ин дафъа ҳокими Балҷувон ва амалдорони амир ба кӯҳҳои Қизилмазор гурехта рафтанд. Шӯришгарон на фақат ба Балҷувон, балки ба Ховалингу Кангурт ҳам соҳиб шуданд.

Дар ин мобайн сарбозони аз Ҳисор омада дар қарибиҳои Кангурт бо сарбозони парокандаи ҳокими Балҷувон муттаҳид шуданд. Восеъ инро шунида ақиб гашт ва дар «Сарипул» ном қишлоқи кӯҳии шимолу шарқтари Ховалинг, ки барои мудофиа мавқеи басо қулай буд, камин гирифт. Вале ин тадбир шӯришгаронро аз шикаст эмин дошта наметавонист.

Сарбозони амир ва амалдорон шӯришро ба хун ғарқ карданд. Восеъ дар кӯҳҳо пинҳон шуда чанд маротиба ба қӯшунҳои ҳокими Балҷувон ҳамла кард, вале тамоми дӯстони вай паси ҳам дар ҷангҳо ҳалок шуданд; ниҳоят, худи Восеъ бо роҳи хиёнату фиреб дастгир карда шуд. Восеъро ишкелбанд карданд ва ҳокими Балҷувон ӯро ба ихтиёри амир фиристод, ки таъзир кунад.

Амир Музаффар, ки андаке пеш бо мадади қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ аҳолии Шаҳрисабзу Китобро тасхир карда буд, барои тарсондани чашми мардум фармуд, ки Восеъ дар Шаҳрисабз дар тоқи нимвайронаи Оқсарой ба дор кашида шавад.

Қатли пешвои шӯриш Восеъ деҳқонони тоҷикро рӯҳафтода накард. Муваффақиятҳои рӯзҳои аввали шӯриши соли 1885, қалъаи Балҷувонро фатҳ кардани шӯришгарон мардумро мутмаин сохт, ки муборизаи зидди амир беоқибат нахоҳад монд. Ва халқ гаштаву баргашта зидди тартиботи феодалии аморат ба по мехест.

Дар ноҳияи Калиф ҳам вазъият нотинҷ буд. Дар ин ҷо ҳам мардум маъмурияти амopатро, ки ба қӯшунҳои Россияи подшоҳӣ такя менамуд, чашми дидан надоштанд. Беҳуда нест, ки сардори бригадаи корпуси махсуси посбонони сарҳаддии Амударё «...ба сабаби муносибати ниҳоят пуркинаи мардуми қишлоқҳои кӯҳистон нисбат ба русҳо ва ҳатто нисбат ба йигитҳои мусулмон...»[35] метарсид, ки аскарҳои худро барои хошокҷамъкунӣ ба қишлоқҳои атроф фиристад.

Д.Н.Логофет, ки авзои «Бухорои шариф»-ро нағз мефаҳмид ва чанд асар навишта, дар онҳо ҷаҳолату таассуби асримиёнагии феодалии он ва ҷазову кушокушиҳои синфҳои ҳукмрони онро мазаммат карда буд, оқибати дар понздаҳ соли аввал дар Бухорои шарқӣ ҳукмронӣ кардани амирро ба андозае ҷамъбаст намуда, навишта буд: «Чандин шӯришҳое, ки дар кишвари Ҳисор ва дар бекиҳои нав ба он мулҳақ аз соли 1875 то соли 1890 ба вуқӯъ пайвастанд, ҳукумати Бухороро бағоят ба ташвиш андохтанд, ки он ҳукумат мардумро ба шиканҷаи оҳанин доровaрда буд, ба дӯши мардум бор кардани андозҳои беҳад

[35] ЦГА Уз. ССР, ф. И-3, д. 228, л. 30, 1898, иқтибос аз китоби Раҷабов З., с. 199.

баъдҳо ҳам боиси ошӯбҳои нав мегардиданд, ки ҳамаи он ошӯбҳо пахш мегардиданд, ошӯбгарон ва тарафдорони ошӯбҳо қатл карда мешуданд».[36]

Дар калонтарин шаҳру деҳаҳои аморат, аз ҷумла, дар Балҷувону Қалъаи Хумб, алалхусус, дар Кӯлоб гарнизонҳои сершумори аскарони подшоҳӣ меистоданд. Барои чӣ лозим будани онҳоро муаллифи «Таҷрибае дар боби тавсифи бекии Кӯлоб» М.А.Варигин хеле равшану аниқ гуфтааст: «...агар авзои дохилии мамлакат нотинҷ шуда монад, ба кор меравад».[37] Вале мо борҳо дидем, ки амири Бухоро танҳо бо қувваи лашкари худ аз уҳдаи коре набаромад. Агар нукарони зархариди ҳукумати подшоҳӣ дар Туркистон доимо омодаи мадад намебуданду лозим шавад, филҳол қӯшунҳои империяи Россияро ба имдоди амир намефиристониданд, маълум, ки кор чӣ ранге мегирифт.

Ба генерал-губернатор бо илтиҷо муроҷиат карда, ёрии ҳарбӣ талабидани амир (то ки онро дар муборизаи зидди деҳқонон истифода барад) дар муносибати тарафайни аморат ва Россияи подшоҳӣ як лаҳзаи мустасно набуд. Гумоштаи сиёсии Россияи подшоҳӣ дар Бухоро Н.В.Чариков ҳанӯз соли 1886 ба генерал-губернатор чунин телеграф ирсол карда буд: «Агар илтимоси амирро иҷро кунему ақаллан ҳеҷ набошад, ягон ҳазорто берданка диҳем, дилаш анча бардошта мешавад, рафъи буҳрони дохилӣ ҳам осонтар мегардад, ки дар ин роҳ эҳтимом дорем».[38] Одами тамоман ҳафтафаҳм будан даркор, то гумон равад, ки генерал-губернатори Туркистон ба амири Бухоро фақат барои ҳамин лашкару аслиҳа медод, ки «дили амир бардошта шавад».

Соли 1898 мардуми Деҳнав ба шӯр омад. Сабаби ошӯб гирифтани харитаи маҳал буд, ки барои таъмини мақсадҳои ҳарбӣ ва иқтисодӣ ин корро дар ҳама ҷо харитагирҳои округи ҳарбии Туркистон анҷом медоданд. Мардум бо кинаву адоват ба кори харитагирҳо муносибат мекарданд ва ҳаққонӣ чунин мепиндоштанд, ки ин кор ҳам барои «кулли явмин бадтар» шудани зиндагии деҳқонон боз як омиле мешавад. Мардум харитагирҳоро калтаккорӣ мекарданд ва аз деҳаҳо меронданд, намемонданд, ки онҳо кор кунанд. Моҳи майи соли 1898 вазъият якбора шиддат гирифт. 18-уми май аҳолии деҳаи Қатчоғлик, 20-уми май аҳолии Шайтон ба по хестанд, 21 май харитагирҳоро аз деҳаи Толеъ (?) пеш карданд. Аз Патта Ҳисор аскар ҷеғ зада шуд. Ошӯбгаронро сахт ҷазо доданд, бисёр одамонро парронданд.

Моҳи августи 1898 дар Нурато мардум ба ошӯб омаданд. Ошӯб дар бозор сар зад ва баҳона гӯё ҳамин шуд, ки миқдори тарозупулӣ беҳад зиёд аст, вале сабаби ҳақиқӣ ин буд, ки кирдори маъмурияти амир косаи сабри ҳамаро лабрез гардонд. Дар ошӯб қариб 250 нафар деҳқонон ширкат доштанд.

Аҳволи мардуми бекиҳои Помир – Шуғнон, Рӯшон ва Вахон ниҳоят вазнин буд. Дар маълумотномаҳои гумоштаҳои сиёсӣ ба номи генерал-губернатори Туркистон ва дар арзу шикоятҳои бешумори тоҷикони Помир аз андозҳои беҳадду бешуморе сухан меравад, ки маъмурияти Бухоро ба василаи онҳо ин сарзаминро хароб мекард. Оқибати ин гуна сиёсат ҳамин шуд, ки «... обрӯи

[36] Логофет Д.Н., 1911, с. 263.
[37] Варигин М.А., 1916, с. 800.
[38] ЦГ ВИА ф. 1396, оп. 2, д. 213, л. 24; телеграмма дар санаи 18 ноябри 1886, иқтибос аз китоби Раҷабов З., 1957, с. 100.

ҳукумати Бухоро дар пеши чашми мардум рехт. Агар бухориён ба ин ё он дараҷа расмиятчигӣ кунанд, фавран боиси ошӯб мегардад. Бухориён ҳаргиз парвои беҳбудии табааи худро надоранд, бисёр худсариҳо мекунанд ва дилашон пур аст, ки барои ин худсариҳо ҷазое нахоҳанд дид».[39]

Аз дигар тараф, помириҳоро ҳукумати подшоҳӣ тазъиқ медод, ки отрядҳои ҳарбии он дар пойгоҳҳои сарҳад ҷой гирифта буданд. Онҳо аз аҳолӣ хӯрокворӣ талаб мекарданду нархи онро бо ихтиёри худ муайян менамуданд, аҳолиро маҷбур мекарданд, ки дар таъмири роҳ, боркашонӣ ва ғайра бемузд кор кунанд, аспҳоро кашида мегирифтанд. Барои таъмини маъмурияти сарҳадбонҳо ва амалдорони подшоҳии вулус ба гардани аҳолӣ андозҳои иловагӣ меандохтанд. Ин кирдори ҳукуматдорон доимо боиси шӯру ошӯбҳои мардуми бекиҳои Помир мешуд.

Материалҳои шӯру ошӯбҳои нимаи дувуми асри XIX деҳқонони тоҷикро таҳлил намуда, баъзе нуктаҳои асосии онро таъкид кардан лозим. Дар Бухорои шарқӣ – дар ин кишвари соф аграрӣ қувваи асосии истеҳсолкунанда деҳқон буд. Ба ин сабаб тадқиқи шӯру ошӯбҳои деҳқонон муҳимтарин масъалаест дар тадқиқи таърихи халқи тоҷик дар давраи мустамликадорӣ.

Аморати Бухоро протекторати Россияи подшоҳӣ бошад ҳам, дар айни ҳол, ҳамон давлати пешинаи феодалӣ буд: деҳқонон дар зери асорати феодалҳо монда, тамоми қаҳру ғазаби худро маҳз ба сари феодалҳо фурӯ мерехтанд. Бевосита набошад ҳам, тамоми ин шӯру ошӯбҳо на фақат муқобили аморати Бухоро, балки муқобили Россияи подшоҳӣ ҳам буданд.

Неҳзатҳои деҳқонон хусусияти зиддифеодалӣ доштанд. Онҳо ба решаи итоати феодалӣ теша мезаданд, вале дар айни ҳол аз тамоми нуқсу иллатҳои ҷанги деҳқонон – стихиявӣ будан, номуташаккилӣ, аз ҷиҳати сиёсӣ пухта набудан, набудани роҳбарияти пуртаҷрибаву пухтакор озод набуд.

Ба Бухоро ҳамроҳ карда шудани ноҳияҳои ҷануби шарқии Осиёи Миёна ба шӯру ошӯбҳои деҳқонон ранги дигар дод. Шӯришгарон содадилона бовар мекарданд, ки ин худсарию бедодиҳоро амир намедонад. Бинобар ин, рӯирост мусаллаҳона зидди феодалони маҳаллӣ шӯриш мекарданду дар айни ҳол ба амир аризаҳо менавиштанд ва ба наздаш одам мефиристоданд. Маъмурияти амир дар баъзе мавридҳо гӯё манфиати деҳқононро ҳимоя мекард, ба доди баъзеҳо ҳатто мерасиду ҳокимони ниҳоят бенӯхташудаву обрӯрехта, амлокдорони беҳад ҳарису носерамро аз кор ҳам мегирифт. Вале ин кирдори камшумори амир ҳам фақат дар сурате воқеъ мешуд, ки ба манфиати худи амир андак зиён расида бошад ё неҳзати халқ ба бунёди ҳокимияти худи амир таҳдид намояд ё хавф бошад, ки асоси иқтисодии ин ё он маҳал тамоман нобуд мешавад.[40] Вагарна аризаву шикояти деҳқонон на фақат фоидае намедод, балки боиси ваҳшиёна ҷазо додани онҳо мегардид.

Созиши сиёсии ҳукуматдорони Бухоро ва генерал-губернатории Туркистон боз як омиле буд, ки истисмори аҳолии маҳаллиро гаронтар мекард. Амалдорони Россияи подшоҳӣ ва маъмурияти аморати Бухоро дар бобати мақоми деҳқонон ва роҳҳои истисмори онҳо як забон доштанд. Бинобар ин, бедодию худсариҳое, ки дар маълумотномаҳои гумоштаҳои сиёсӣ ба назар

---

[39] ЦГА Уз. ССР И. 3, д. 50, л. 112, иқтибос аз китоби Раҷабов З., 1957, с. 103.

[40] Муқоиса шавад: Мӯҳсинова Қ.З., 1959, с. 94–99.

мерасанд, ҳаргиз далели он нестанд, ки онҳо ғами мардумро мехӯрда бошанд. Амалдорони Россияи подшоҳӣ таҷрибаву оқибати дигар маҳалҳои Туркистонро дар назар дошта, фақат аз ҳамин метарсиданд, ки корд ба устухон расида, ғазаби халқ тартиботи мавҷударо барбод доданаш мумкин. Генерал-губернатори Туркистон ноябри соли 1898 ба номи император чунин маълумотномае ирсол карда буд: «Аз Туркистон бениҳоят даромад гирифтан хавф дорад, ин ба кор зарар меоварад ва кор аллакай зарар ҳам дидааст».[41] Аммо ҳукумати подшоҳӣ ҳамоно амирро дастгир мекарду бо қувваи аслиҳаи худ неҳзати халқро фурӯ менишонд.

Вале сарфи назар ба ҷазоҳои ваҳшиёна, ки ба сари шӯришгарон фурӯ мерехт, ошӯбу шӯриши деҳқонон беш аз пеш авҷ мегирифт. Мувофиқи далолати ҳуҷҷатҳо, дар зарфи солҳои 1896–99 дар Туркистон 647 шӯру ошӯбҳои халқӣ қайд шудааст ва зимнан аз ҳама зиёдтар шӯришҳо дар зарфи солҳои 1898–99 ба вуқӯъ омадаанд.[42] Алҳол мо дар бораи тамоми шӯру ошӯбҳои халқ маълумоти муфассал дар даст надорем, вале манзараи умумии таърихии он давра равшану возеҳ аст.

Дар ибтидои солҳои 70-уми асри XIX шӯру ошӯбҳои деҳқонон гӯё тасодуфӣ буданд, кам воқеъ мешуданд, гӯё худ аз худ аланга мезаданд, номуташаккил буданд ва аксаран тез ба охир мерасиданд. Ин шӯру ошӯбҳои хурди зиддифеодалие буданд, ки асосан муқобили ҳукуматдорони маҳаллӣ карда мешуданд.

Дар миёнаҳои солҳои 80-уми асри XIX баъзе шӯру ошӯбҳои зиддифеодалӣ ба худ ранги ҷангҳои деҳқононро гирифтанд. Шӯришгарон аз ҷумлаи худ роҳбар интихоб мекарданд, маҷлису машваратҳо меоростанд, талаботи худро ба шакли муайяну расмият даровaрда, ба сурати шикоят ба амир мефиристонданд ва бедодию худсариҳои ҳукуматдорони маҳаллӣ ва амлокдоронро фош менамуданд. Ба деҳқонони шӯришгар табақаҳои дорои аҳолӣ, намояндагони маъмурияти маҳаллӣ низ ҳамроҳ шуда, онро ба манфиати худ истифода карданӣ мешуданд. Маҳз онҳо аввалин шуда, ба шӯришгарон хиёнат мекарданд, байни шӯришгарон низоъ меандохтанд ва ба тезтар шикаст ёфтани шӯриш ҷаҳд мекарданд. Мисоли равшани ин нуктаҳо шӯриши Восеъ (1885) мебошад. Ин неҳзатҳои зиддифеодалие буданд, ки ба вуҷуди худи аморат ҳамчун як давлати калони феодалӣ таҳдид мекарданд, бинобар ин онҳоро ба ин ваҳшоният ғарқи хун месохтанд, деҳаҳоро ба туъмаи оташ медоданд, роҳбарону иштирокчиёни шӯришро ба зиндон мепартофтанд ва дар майдонҳои Бухоро сар мезаданд. Ҳукуматдорони Россияи подшоҳӣ ба амир мадад мерасонданд, ки шӯришгаронро ба зиндон партояду ба дор кашаду сар занад.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX шӯру ошӯбҳои зиддифеодалии деҳқонон аллакай хосияти зиддимустамликадориро ба худ касб карданд ва дар солҳои 1905–07 ба ҷараёни револютсионӣ ҳамроҳ гардиданд.

---

[41] ЦГ ВИА ф. 1396, оп. 2, в. м. 1767, л. 57, 57 об.
[42] ЦГ ВИА ф. 400, оп. 261/911, в. м. 87/605, л. 37.

# БОБИ СЕВУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АРАФА ВА ДАВРАИ РЕВОЛЮТСИЯИ СОЛҲОИ 1905–1907

## 1. ВАЗЪИЯТИ КИШВАРИ ТУРКИСТОН ДАР АРАФАИ РЕВОЛЮТСИЯ

### Тараққиёти саноатии кишвари Туркистон. Сармояи банкҳо

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX капитализм дар Россияи подшоҳӣ ба марҳалаи олӣ, марҳалаи империалистии тараққиёти худ қадам ниҳод.

Капитализми навбаромади Россия ба иқтисодиёти кишвари Туркистон низ асар кард. Гарчанде ҳукумати подшоҳӣ Осиёи Миёнаро мисли пештара ҳамчун манбаи ашёи хоми империяи Россия ва ҷойи фурӯши маснуоти фабрику заводҳои Россия мононданӣ буд, ба ҳар ҳол равнақу ривоҷи саноат, алалхусус равнақи саноати истихроҷи маъдан ва коркарди ашёи хом возеҳ ба назар мерасад. Истифодаи конҳо хеле ҷон гирифт. Аз пештара дида хеле бештар ангишт, нефт, металлҳои ранга ва муми табиӣ (озокерит) истихроҷ мешуд. Ба кор даромадани корхонаҳои коркарди нахусти ашёи хом, ҳамчунин истифодаи роҳҳои оҳан талаб мекард, ки самараи конҳои ангишт бештар шавад. Махсусан, конҳои ангишти вилоятҳои Самарқанду Фарғона – Сулукта, Қизилкиик, Шӯроб, Андиҷон ва ғ. аҳамияти калон пайдо карданд. Дар уезди Хуҷанд панҷ кони ангишт амал дошт – конҳои Н.А.Овсянников ва шариконаш, Е.М.Краузе, Петрова, ворисони савдогар Иванов ва кӯҳкор Новиков[1]. Ба андозаи такмили усулҳои ангиштканӣ ва ба конҳо кашидани роҳҳои оҳан миқдори истеҳсоли ангишт ҳам меафзуд. Масалан, аз кони ангишт соли 1905 700 пуд, соли 1907 бошад, 1 миллиону 220 пуд ангишт истихроҷ шуд[2].

Дар ибтидои асри XIX истихроҷи саноатии нефт ривоҷ ёфт. Бойтарин конҳои нефт – конҳои САНТО ва Чимиёни водии Фарғона ва кони ҷазираи Чалакони баҳри Каспӣ буд. Дар даҳсолаи аввали асри XX аз ҳама бештар аз кони нефти Чалакон нефт кашида шуд. Агар соли 1901 дар ин ҷо 600 ҳаз. пуд нефт истихроҷ шуда бошад, пас аз даҳ сол миқдори он ба 15 млн. пуд расид[3]. Дигар соҳаҳои саноати истихроҷи маъдан аз конҳои намаку озокерит, баъзе конҳои хурди истихроҷаш дастии тилло ва баъзе металлҳои ранга иборат буд.

---

[1] ЦГА Тадж. ССР, ф. 1, оп. 1., д. 1926, л. 9.

[2] Муфассалтар ниг.; Бобохонов М., 1975, с. 94–95.

[3] Гулишамбаров С.И., 1913, с. 73.

Иқтисодиёти кишвари Туркистон мисли пештара сирф зироатпарварӣ ва соҳаи муҳимми он пахтакорӣ ва пахтатозакунӣ буд. Дар байни заводҳо бешак заводҳои пахта аз ҳама бештар буда, дар ҷойи якум меистоданд. Дар хоки генерал-губернаторӣ дар ибтидои асри XX 230 корхонаи пахта кор мекарданд, ки зиёда аз нисфи онҳо дар водии Фарғона воқеъ буданд. Ҷойи дувумро саноати равған мегирифт, ки дараҷаи ҷиҳозоти он ниҳоят паст буд. Маҳалли асосии ин корхонаҳо ҳам дар Фарғона ҷой дошт.

Аз 34 заводи шаробкашӣ 28-тоаш дар вилояти Самарқанд буд. Ду фоизи ин навъи маҳсулотро корхонаҳои уезди Хуҷанд медоданд. Дар иқтисодиёти Осиёи Миёна заводҳои чармгарӣ ва рӯдатозакунӣ ҳам мақоми намоён доштанд (ҳамаи онҳо асосан аз они ширкати немисии «Дюршмидт» буданд).

Дар марҳалаи монополистии инкишофи капитализми Россия дар боби истифодаи захираҳои мулкҳои мустамликавии он сармояи банкҳо мақоми махсус пайдо кард. Даврае, ки мавриди назар аст, даврае мебошад, ки чашми калонтарин банкҳои Россия ба Туркистон дӯхта шуд. Чунонки пас аз борони баҳорон занбӯруғҳо якбора ба рӯй мезананд, ана ҳамин хел дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Андиҷон, Хӯқанд, Бухорои Нав (Когон) ва дигар шаҳрҳо Банки давлатӣ он тараф истад, шуъбаю шуъбачаҳои мухталифи корхонаҳои гуногуни молия пайдо шудан гирифтанд.

Сармояи банкҳо асосан худро ба саноати пахта мезад, вале аз дигар соҳаҳои иқтисодиёти Осиёи Миёна ҳам рӯ намегардонд. Масалан, «Русский для внешней торговли банк» («Банки русии тиҷорати хориҷӣ») асосан ба савдои пӯсти қарокӯлӣ часпида гирифт, «Русско-Азовский банк» («Банки Русу Азов») сохтмони роҳи оҳани Бухороро бо пул таъмин мекард ва дар аморати Бухоро калонтарин иҷорагири замин буд; «Азовско-Донской банк» («Банки Азову Дон»), ки ба он аркони саноати газвори пахтагини Петербург соҳибихтиёрӣ мекарданд, тамоми хариди пахта ва коркарди нахусти онро ба даст гирифт; дар ин кор шарик ва дар айни ҳол, рақиби он «Сибирский-торговый банк» («Банки тиҷоратии Сибир») буд; дар ин гӯшаи дури империяи Россия «Московский учетно-ссудный банк» («Банки ҳисобию бунакдиҳандаи Москва») ҳам такопӯи зиёде дошт.

Дар як худи шаҳри Бухоро дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ 8 шуъбаи банкҳо (1 шуъбаи банки давлатӣ ва 7 шуъбаи банкҳои хусусӣ) кор мекарданд; муомилоти шаштои онҳо ба ҳисоби миёна соли 1915 20,3 млн. сӯм буд[4]. Дар ин ҷо барои амалиёти ширкатҳои корчаллони ҳарис шароити басо мусоид муҳайё гардид. Ана, баъзе аз он ширкатҳои пулчаллон: ширкати тиҷорату саноатии мануфактураи калони Ярослав, ширкатҳои Андреев, Потеляховский, Москва, ширкати тиҷоратии бародарон Крафт, ширкати тиҷоратии бародарон Вадяевҳо, ширкати тиҷоратии бародарон Шлоссберг, ширкати саҳмдории газворҳои пахтагини Познанский, ширкати тиҷорат бо Эрон ва Осиёи Миёна ва ғайраву ҳоказо.

Ҳамаи ин даррандагони капиталистӣ, ки ба «ширкат»-у «ширкатчаҳо»-и аз худ хурдтар такя доштанд, деҳқонон, пролетарҳо, нимпролетарҳо, косибонро бераҳмона талаву тороҷ мекарданд. Халқҳои мазлуми Осиёи Миёна мисли дигар халқҳои бисёр ноҳияҳои империяи Россия ҳам аз равнақу ривоҷи

[4] Рябинский А., 1941, с. 4.

муносибатҳои капиталистӣ азоб мекашиданду ҳам ин муносибатҳо ба дараҷаи кофӣ равнақу ривоҷ надоштанд[5].

Дар кишвари Туркистон истеҳсолоти молӣ ривоҷ меёфт. Аммо ин протсесси прогрессивӣ дар шароите ҷараён дошт, ки дар хоҷагии қишлоқ муносибатҳои токапиталистии истеҳсолот пурра ҳукмфармоӣ мекарданд ва ин боиси ҳамин мешуд, ки меҳнаткашон беш аз пеш толону тороҷ мешуданд, тақсимоти аҳолӣ ба синфҳо ва ба дараҷоти молумулкдорӣ сурат мегирифт.

Яке аз офатҳои мудҳиши иқтисодиёти Туркистон судхӯрӣ буд, ки ба ривоҷи он банкҳо хеле мусоидат мекарданд. Банкҳо ба ширкатҳои калони пахта ва дигар хоҷагиҳо пул қарз медоданд. Дар болои ин пул ҷангу ҷанҷолу моҷарову хархашаи зиёде мешуд. Ин пул аз дасти як олам гумоштаву вакилу миёнраву ҷаллобу даллол гузашта, фоизи худро зиёд мекард. Кор ба дараҷае мерасид, ки агар банк ба шарти 6-6,5 фоиз фоида қарз дода бошад, пул то ба дасти истеҳсолкунандаи бевосита, то ба дасти деҳқони пахтакор расидан фоизи худро даҳ маротиба зиёд мекард ва то ба 50-70 фоизи фоида мерасид.

Тарозудору пахтакашҳо дар харидуфурӯши пахта як навъ гумоштаҳои банкҳо буданд. Тарозудор аз савдогари серпул ё банк бунаки калон гирифта ба тарзи кӯтара пахтаи зиёдеро мехарид. Одатан тарозудор ин бунакро байни пахтаҷаллобҳои хурдтар – байни пахтакашҳо тақсим мекард ва онҳо фоидаи қарзро боз зиёдтар карда, сад фиребу найранг сохта, ҳам аз пуду ҳам аз тор зада, ба сари деҳқони бечора балое мешуданд.

## Аҳволи меҳнаткашон

Ҳоҷати гап нест, ки ҳамаи ин дасисаҳо ба дӯши меҳнаткашон бори гарон мегардид ва онҳоро ба ғуломони якумраи як олам судхӯрон табдил медод. Миқдори қарзе, ки пахтакорон аз муассисаҳои қарздиҳандаву молиявӣ гирифтаанд, равшан далолат менамояд, ки онҳо чи қадар ба қарз ғӯтидаанд – дар охирҳои соли 1912 ин қарз ба ҳадди беҳад бузург–қариб ба 160 млн. сӯм расида буд[6]. Деҳқононе, ки замини худро ба гарав монда, аз судхӯрон қарз мегирифтанд, аксар вақт қарзи худро дар муҳлаташ дода наметавонистанду аз замини худ маҳрум мешуданд. Деҳқонони хонабардӯш ё батрак ё чоряккор ё худ коргари одӣ мешуданд. Дар баробари ин шумораи заминдорони калон ва бойҳо меафзуд.

Ҳукумати подшоҳӣ ҳарҷониба мадад мерасонд, ки хоҷагии бойҳо дар равнақ бошад. Масалан, хоҷагие, ки то 0,5 десятина замин дошт, барои ҳар як десятина 8 сӯму 64 тин андоз медод. Дар айни ҳол, хоҷагиҳое, ки зиёда аз 6 десятина замин доштанд, барои ҳар як десятина 6 сӯму 96 тин андоз медоданд.

Бойҳо замини деҳқонони ноилоҷмондаро харида мегирифтанд. Ба ҳамин тариқ, ғайр аз заминдории калони феодалӣ заминдории нимфеодалию бойӣ ҳам маъмул шуд. Масалан, соли 1908 дар уезди Хуҷанд якчанд бой садҳо десятина замин доштанду 1369 хоҷагии деҳқонон умуман, замин надоштанд, 1000 хоҷагӣ бошад, аз 1 то 0,25 таноб замин дошт. Дар қишлоқи Қистакӯз (ҳозира вилояти Ленинобод) 70 хоҷагии бою муллоҳо 3 ҳаз. га замин, 18 ҳаз.

[5] Дар ин бора муфассалтар ниг.: Аминов А.М., 1959.
[6] Демидов А. П., 1926, с. 125.

деҳқонон бошанд, аз 500 га. андак зиёд замин доштанд. Дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов ва Конибодом нархи як десятина замин 4-8 ҳазор сӯм буд. Деҳқонони хонавайронгардида мардикорӣ мекарданд ё хизматгори дари бойҳову савдогарону судхӯрон мешуданд.

Пахтаҷаллобҳову судхӯрон аз бесаводию нодонии деҳқонон истифода бурда, онҳоро фиреб медоданду талаву тороҷ мекарданд. Масалан, ба деҳқон 100 сӯм қарз медоданду ба қимати 500 сӯм векселро имзо кунонда мегирифтанд. Ҳамаи ин таҷзияи синфии деҳқононро суръат медод. Мустамлика будани кишвар, сохти иҷтимоию иқтисодии аморат, дараҷаи ниҳоят пасти саноат боиси он мегардид, ки деҳқонон пролетар не, балки паупер мешуданд. Пауперизм бениҳоят вусъат меёфт. Деҳқонон аз як порча замини худ маҳрум шуда, барои аз гушнагӣ намурдан ба корхонаҳои саноатӣ рафта кор мекарданд ва ҳамин тавр аввалин кадрҳои пролетариати маҳаллӣ ба вуҷуд меомад. Ин коргарон дар конҳои мутлақо беҷиҳози ангишту маъдану намак ва ғайра меҳнат мекарданду шароити кори онҳо, бемуболиға, аз шароити ҷаҳаннам бадтар буд.

Дар арафаи соли 1905 дар Осиёи Миёна то 32 ҳазор нафар коргарон буданд, ки 77 фоизи онҳоро коргарони миллатҳои маҳаллӣ ташкил медоданд. Дар вилояти Фарғона, ки саноаташ бештар тараққӣ ёфта буд, то 40 фоизи корхонаҳои тамоми кишвар воқеъ гашта, дар онҳо зиёда аз 8 ҳазор нафар коргарон кор мекарданд, дар вилояти Самарқанд 2800 нафар коргарон буданд.

Аввалин кадрҳои пролетариати маҳаллӣ аз ҷумлаи деҳқонони бенавогашта ташкил меёфтанд, ки онҳо дар ҷустуҷӯи кор ба шаҳр равона мешуданд. Қисми асосии пролетарҳои аввалини тоҷик мардикорон, коргарони мавсимӣ ба ҳисоб мерафтанд ва онҳо дар конҳо, корхонаҳои вилояти Самарқанд, заводҳои пахтаи Фарғона, дар сохтмони роҳи оҳан корҳои вазнини зӯрталабро ба ҷо меоварданд. Дар рубоӣ ва таронаҳои ғарибӣ, ки то ба замони мо омада расидаанд, аз рӯзи сиёҳи мардикорони тоҷик ва ғарибмазор шудани онҳо сухан меравад:

Дар ғарибӣ гашта-гашта, ранги зард овардаам,
Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.
Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун!
Дар сари қабрам нишину як даме фарёд кун!

Дар айни замон аз деҳот барои мардикорӣ ба шаҳрҳо баромада рафтани аҳолӣ «ҳодисаи прогрессивӣ мебошад. Вай аҳолиро аз ҷойҳои дурафтода, пасмонда, таърих фаромӯшкарда берун меорад ва ба гирдоби ҳаёти ҳозираи ҷамъиятӣ мекашад»[7]. Ин хулосаи В.И.Ленин, ки нисбат ба деҳқонони рус баровардааст, нисбат ба деҳқонони тоҷик ҳам комилан татбиқпазир аст.

Мардикорони тоҷик аз диёри худ баромада, ба коргарони рус вомехӯрданд ва бо ҳамроҳии онон тамоми азобу азияти истисмори капиталистиро аз сар мегузаронданд. Робита бо пролетариати рус дар ҷараёни ташаккули пролетариати тоҷик роли калони револютсионӣ бозида буд.

---

[7] Ленин В. И., Асарҳо, ҷ. 3, с. 596.

Дар байни аввалин пролетарҳои тоҷик баъзан ба муқобили золимон исёнҳои номуташаккил сар мезаданд. Исёне, ки соли 1885 дар конҳои ангишти Завронкиштут ба амал омада буд, ба ин мисол шуда метавонад. Коргарон назоратчиёнро дошта зада, таҷҳизотро вайрон карданд ва устои кону назоратчиёнро гирифта, ба Панҷакент равона шуданд, ки барои муомилаи бераҳмона ба ҳукуматдорон шикоят кунанд. Дар исён 80 кас иштирок карда буд. Дар Панҷакент се нафар аз исёнгаронро ҳабс мекунанд, шикоят беоқибат мемонад, ошӯби коргарон фурӯ нишонда мешавад.

Дар бораи дигар ошӯбҳои коргарони кироя, ки алалхусус дар ибтидои асри XX тез-тез ба вуқӯъ меомаданд, маълумоти ноқис боқӣ мондааст. Ин ошӯбу шӯришҳои меҳнаткашон алалхусус дар ибтидои асри XX ниҳоят вусъат ёфтанд, вале дар он давра онҳо роҳбарияти пролетарӣ надоштанд ва дошта ҳам наметавонистанд. Бинобар ин, ғазаби халқ танҳо дар шакли шӯру ошӯбҳои ҷудогонаву стихиявӣ зоҳир мегардид. Ҳамаи ин шӯру ошӯбҳоро ҳукумати подшоҳӣ ва ҳукуматдорони маҳаллии Туркистон бераҳмона пахш мекарданд.

## 2. ВАЗЪИЯТИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР АРАФАИ РЕВОЛЮТСИЯИ СОЛҲОИ 1905–1907

Аморати Бухоро дар давраи аз соли 1868 то охири асри XIX истиқлолияти худро торафт бештар аз даст медиҳад. Дар соли 1886 дар Бухоро «Агентии сиёсии императории Россия» таъсис меёбад, ки он ба вазири корҳои хориҷӣ ва генерал-губернатори Туркистон тобеъ буд. Агентӣ дар аморати Бухоро сиёсати мустамликадории ҳокимияти подшоҳиро ба амал мебаровард. Дар ибтидои асри XX дар қаламрави аморат қӯшуни ҳаштҳазорнафарии подшоҳ мавҷуд буд, ки он хатти сарҳад ва маҳалҳои муҳимтарини стратегии ამоратро ишғол мекард. Дар соли 1895 қаламрави аморат ба сарҳади боҷхонагии империяи Россия ҳамроҳ карда мешавад. Амир аз ҳуқуқи сикка задани пул бе иҷозати генерал-губернатори Туркистон маҳрум мегардад. Дар пойтахти аморат шуъбаи банки давлатии Россия кушода мешавад. Шуъбаҳои банкҳои хусусӣ пайдо мешаванд. Банкҳо иқтисодиёти мамлакатҳоро тадриҷан ба даст гирифта, ба соҳаи савдо, ба пахтакорӣ, гӯсфандҳои қарокӯлпарварӣ ва ҳоказо сар медароварданд.

Иқтисодиёти аморати Бухоро, алалхусус, ноҳияҳои шарқии он мисли пештара хусусияти ниҳоят қафомондаи зироатпарварӣ дошт. Дар ноҳияҳои тоҷикнишин саноат қариб умуман набуд. Дар тамоми Бухорои шарқӣ фақат дар Ҷилликӯл як заводи хурди пахта кор мекард. Ягона соҳаи саноат, ки гӯё андаке ҷон гирифтанӣ мешуд, саноати истихроҷи маъдан буд. Агар миқёси сарвати зери замини Тоҷикистонро ба назар гирем, андозаи он ҳам ночиз буд. Вале ҳаминро ҳам гуфтан даркор, ки ба шарофати заҳмати олимону сайёҳони машҳури чоряки охири асри XIX Россия конҳои калони ангишт, тилло, оҳан, қӯрғошим, мис, селитра, намак ва ғайра кашф шуданд. Вале ба истифодаи босамари ин конҳо қафомонии умумии иқтисодии Бухоро монеъ мешуд. Ғайр аз ин бойҳои маҳаллӣ метарсиданд, ки ба ин «савдо»-и ношиносу номаълум маблағе гузоранд. Ба ин сабаб ва боз бо баъзе дигар сабабҳо ташкили

истифодаи конҳо дар ихтиёри соҳибкорони империяи Россия монд. Яке аз кормандони боғайрати ин арса муҳандиси кӯҳкорӣ П.Н.Жоравко – Похорский буд. Бо дастгирии «Агентии сиёсии императории Россия» дар Бухоро ба вай муяссар шуд, ки бо амир шартномае бандад (июни соли 1895) ва ҳуқуқ пайдо кунад, ки конҳои тиллои бекии Балҷувон ва Дарвозро истифода барад. Жоравко – Покорский дар соҳили дарёи Яхсу дар Балҷувон кони тиллоро ба кор андохт, ки аз он соли 1900 5 қадоқу 18 нахӯд ва соли 1909 16 қадоқу 23 нахӯд тилло гирифта шуд.

Дигар намудҳои маъданро асосан худи аҳолии маҳаллӣ истихроҷ мекард ва ба хӯҷаинҳои худ ҳаққи калони иҷора медоданд (маҳз ба ҳамин сабаб, масалан, беки Балҷувон ва атрофиёнаш ҳарҷониба пеши роҳи соҳибкорони Россияро мегирифтанд ва намемонданд, ки онҳо ба конҳои тилло кордор шаванд). Ҳаққи иҷозати истихроҷи тилло баъзан чоряки тамоми он тиллое буд, ки заршӯйҳо бомашаққат ба даст меоварданд. Агар инро ҳам ба назар гирем, ки баъди адои ҳаққи иҷозат боз закот додан даркор буд, амир ва як олам калоншавандаҳоею муллоҳоро қаноатманд кунонидан зарур буд, худ аз худ равшан мешавад, ки саноати истихроҷи маъдан фоидаи казоӣ надошт, ба ҳар ҳол, ба соҳибкорони маҳаллӣ даромади кироӣ намедод.

## Равнақи муомилоти тиҷорат

Пас аз анҷоми сохтмони роҳи оҳани Тошканд, ки Осиёи Миёнаро бо Оренбургу Москва пайваст, тиҷорат хеле равнақ ёфт. Масалан, агар соли 1865 содироти Бухоро 3306 ҳазор сӯми тилло ва воридоташ 1913 ҳазор сӯми тилло бошад, пас солҳои 1900–1904 ба ҳисоби миёна содирот ба 23700 ҳазор сӯми тилло ва воридот ба 23 200 ҳазор сӯми тилло расид.

Муносибатҳои пулию молӣ хеле ривоҷ ёфтанд. Деҳқонон беш аз пеш барои бозор шуда кор мекарданду ба тақозои содирот мутобиқ мешуданд. Агар солҳои 1850–1860 барои содирот тақрибан 50 ҳазор пуд пахта ҷудо карда бошанд, пас дар арафаи асри XIX аллакай 1200 ҳазор пуд пахта барои содирот ҷудо карда шуд. Дар миёнаҳои асри XIX содироти пӯсти қарокӯлӣ соле ҳамагӣ 30-40 ҳазор дона бошад, ин миқдор дар ибтидои асри XX ба 1 млн. дона расид, мисли ҳамин содироти пашм ҳам соле аз якчанд ҳазор пуд то 150-170 ҳазор пуд афзуд.

Бухорои шарқӣ ҳам мисли тамоми аморат аз воридоти рӯзафзуни молҳои фабрику заводҳои Россия хеле зиён дид. Миқдори фурӯши ин гуна молҳо дар Бухорои шарқӣ нисбат ба вилоятҳои Туркистон камтар бошад ҳам, вале ба он дараҷае буд, ки тавонист ба саноати косибии маҳаллӣ зарбаи короӣ занад. Ин зарбаро фақат мушкилгузар будани баъзе вилоятҳову ноҳияҳо андак сабук кард. Дар якчанд шаҳрҳои нисбатан калони Бухорои шарқӣ – Душанбе, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротоғ, Балҷувон истеҳсоли газворҳои абрешимию пашмию пахтагин, маснуоти кулолию чармгарӣ, асбоби зироат, корду шамшер ва ғайра идома дошт. Зимнан баъзе бекиҳо маҳз дар истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулоту маснуот тахассус меёфтанд. Масалан, Дарвоз, ки аз конҳои маъдани оҳан бой буд, асосан маснуоти оҳанин мебароварду ноҳияҳои ҳамсояро ҳам бо асбобу анҷоми зироат таъмин мекард. Дар Кӯлобу Балҷувон чармгарӣ ва истеҳсоли маснуоти чармин мақоми намоён дошт. Ҳисор бо шоҳиҳои худ,

Қаротегин бо хӯрҷинҳои пат, намад, газворҳои пахтагин, Қубодиён бо абрешими худ ном баровардa буданд. Дар бекиҳо инчунин корхонаву дӯконҳое, ки барои таъмини эҳтиёҷи рӯзгори мардум зарур мебошанд, низ вуҷуд доштанд – осиёбҳо, обҷувозҳо, ҷувозхонаҳо, дӯконҳои оҳангарӣ, мисгарӣ ва ғ.

Худсарию бедодии феодалҳо ба равнақи истеҳсолоти ин соҳаҳо ҳам монеъ шуд. Намемонд, ки он камубеш бемалол вусъат ёбад. Масалан, рӯзномаи «Туркестанские ведомости» навишта буд: «Дар бекии Ҳисор, бешубҳа, шоҳии дар ҷаҳон беҳтарин истеҳсол карда мешавад, вале он мутлақо ба бозор намебарояд, зеро тамоми онро худи бек кашида мегираду нархашро ҳам худаш мемонад ва бар замми ин, чанд тӯби онро як тин надода азони худ ҳам мекунад»[8].

## Аҳволи аҳли меҳнат

Дар хоҷагии қишлоқ ривоҷ ёфтани муносибатҳои пулию молӣ табақазияи деҳқононро хеле тезонд–дар як қутб бойҳои кулак ва дар қутби дигар камбағалон, батракҳои безамин (мардикорон, ятимон, хизматгорон), мазлумон ҷойгир шуданд.

Деҳқонон аз кулфати беззаминӣ аз ҷон безор мешуданд. Масалан, дар бекии Ҳисор бойҳо, ки ҳамагӣ 7,6% аҳолӣ буданд, 45,6% тамоми заминҳои обиро соҳибӣ мекарданд. Дар дасти 28% хоҷагиҳои камзамин ҳамагӣ 1% заминҳои обӣ буд. Дар ноҳияи ҳозираи Орҷоникидзеобод 1,3% бойҳо 32% заминҳои обиро соҳибӣ мекарданду 38% хоҷагиҳои камзамин ҳамагӣ 2,3% заминро кишт менамуданд. Бойҳову судхӯрон деҳқони сарсахтро бо ҳазор ҳилаву найранг хонавайрон мекарданду маҷбур месохтанд, ки қарз бардораду як пора заминашро ба гарав монад. Барои ин ки деҳқон дар замини худаш кор кунад, маҷбур буд, ки ба қарзхоҳ фоидаи ноинсофонае диҳад. Ҳамаи ин толону тороҷро бо васиқаи замин ба расмият медароварданд, ки он деҳқонро дасту по баста, ба дасти бой медод ва тамоми лоқупару чизу чораву аҳлу аёлаш ба ихтиёри бой ё судхӯр мегузашт.

Дар аморати Бухоро деҳқонони ба ғуломӣ афтода бисёр буданд. Ҳамаи қарздорони қарзашонро адо накарда, инчунин бақиядорони аз хазинаи амир қарздор ба дафтарҳои махсус қайд карда мешуданд. Деҳқоне, ки номаш ба чунин дафтар афтода бошад, аз ҳамаи ҳуқуқҳо, аз ҷумла, аз ҳуқуқи бемалол ба ягон ҷо сафар кардан маҳрум мегашт. Ҷорчиён номи ӯро дар бозорҳо эълон мекарданд ва баъд аз он ҳар касе ки қарзи дар дафтар қайдшударо адо кунад ё худ ба адо кардан уҳдадор шавад, ҳуқуқи хӯҷаини ҳамон шахси қарздор шуданро молик мегашт.

Деҳқонони ба ғуломӣ афтода қашшоқона рӯз гузаронда, корҳои вазнинтарини зӯрталабро иҷро мекарданд. Ҳатто онҳоро ба омочу ароба қатӣ мекарданд. Онҳо дар бадали меҳнати пуразоби худ як порча зағораи қоқу андаке шавлаи ҷуворӣ мегирифтанд, дар оғилхонаҳо бо чорпоён якҷоя мезистанд. Онҳоро калтаккорӣ карда, ба пойҳояшон ишкел меандохтанд.

Ғуломоне ҳам, ки вақти тохтутоз ба вилоятҳои ҳамсоя ба дасти бодиянишинҳо асир афтода ва дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ фурӯхта мешуданд,

[8] «Туркестанские ведомости», 5 августи соли 1910.

дар шароити сахти тоқатфарсо мезистанд. Аз заминҳои давлатӣ ба фоидаи хазина аз даҳ чор ё худ аз сад чил қисми ҳосил гирифта мешуд.

Мувофиқи маълумоти С.Айнӣ, «истифои ҳаққи подшоҳӣ ба ин тариқа буд: вақти расидани ҳосил муставфии хироҷ (амлокдор) ё намояндаи он бо саворе чанд ба сари замин омада ҳосилро аз будаш ду дараҷа зиёдтар тахмин карда, миқдори ҳаққи подшоҳиро ба қиёси он тахмин ба номи деҳқони фалакзада навишта меравад... Дар охири сол, ки одатан нархи ғаллот гарон мешавад, билқасд маъмурони ҳукумат боз як ду бозорро гаронтар карда, нархро ба амир арз мекунанд. Табиӣ, нархҳои арзшуда аз тарафи амир тасдиқ меёбад ва бо ҳамон нарх ҳаққи подшоҳиро аз деҳқон нақдан меситонанд.

Бисёр воқеъ шудааст, ки деҳқон ҳама чизашро, ҳатто баъзан писар ва духтарашро фурӯхта ҳаққи подшоҳиро адо намудааст»[9].

Закоти чорпоро мувофиқи қоидаю қонуни маҳаллӣ аз рӯйи саршумори мавҷудаи чорпо гирифтан лозим буд, аммо, чунонки С.Айнӣ менависад, дар ин бобат найрангу ҳилаҳои гуногуне ба кор бурда мешуданд. Масалан, агар падар ё худ бобои касе як вақтҳо як рама гӯсфанд дошта бошаду дар сари закотандозӣ саршумори гӯсфандон кам шуда бошад, писар ё набераи соҳиби рама аз рӯйи миқдори пештараи дар рӯйхати кӯҳна будагӣ закот медод.

Дар сари роҳҳо аз роҳгузарон закоти савора гирифта ғорат мекарданд. Чун ягон роҳгузар ё сокини ягон шаҳр ба вилояти Бухоро сафар мекард, – менависад устод С.Айнӣ, – ӯро одатан закотчӣ аз назар мегузаронд. Агар ӯ ҳатто чизе надошта бошад ҳам, ки аз он закот гирифтан мумкин гардад, мебоист ба закотчӣ ягон чизро ҳамчун «дастовез» медод. Ба замми ин, тасдиқномаи як закотчиро закотчии дигар ба эътибор намегирифт ва дубора закот мерӯёнд. Ҳатто камбағалоне, ки аз мардикорӣ ба диёри худ бармегаштанд, аз закотдиҳӣ озод набуданд. Дар замони амир Абулаҳад (1885-1910) закоти чорпо, хироҷ аз хоҷагии қишлоқ ва закоти савдо шакли ғоратгарии рӯиростро ба худ гирифта буд.

Аҳволи ҳунармандони гуногункасб низ вазнин буд. Ҳатто ҳунармандоне, ки дорои маҳорати баланди шахсӣ буданд, бо олоти бағоят одӣ маҳсули корро зиёд ва бо молҳои аз дигар ҷойҳо овардамешудагии фабрика рақобат карда наметавонистанд.

Дар Бухоро 9 корхонаи калони бофандагӣ буд, ки ҳар кадоме 50-60-тогӣ дастгоҳ дошт ва ин мануфактураҳои хурд аз они Ҳоҷӣ Қурбон, Ҳоҷӣ Абдулҷаббор ва дигарон буданд. Ба ғайр аз ин 80 корхонаи хурди бофандагии 3-4 дастгоҳдор мавҷуд буд. Ҳамагӣ дар Бухоро қариб 1500 бофанда кор мекард. Онҳо дар шароити вазнини тоқатфарсо, рӯзи дароз аз дӯконхона берун наомада кор мекарданд. На фақат ҳунармандони кироя, балки косибони алоҳидаи яккадаст ҳам аз тарафи соҳибони корхонаҳои калони бофандагӣ гирифтори асорат шуда буданд.

Алалхусус, аҳволи ҳунармандони кироя вазнин буд. Барои нишон додани системаи ваҳшиёнаи истисморшавии онҳо баъзе рақамҳоро мисол меоварем. Косибон ҳафтае як ҷӯра алоча мебофтанд, ки як тоқаи он 12 олчин буда, дар бозор 10 сӯму 20 тин меистод. Косиб бошад, ҳафтае 1 сӯму 20 тин ҳақ мегирифт. Косибон якумр аз соҳибкорони худ қарздор буданд. Косиби

[9] Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 10, с. 111–112.

қарздорро ба корхонаи дигар (агар соҳиби он қарзи косибро диҳад) гузарондан, яъне фурӯхтан мумкин буд.

Мануфактураҳои дигар ҳам сохта мешуданд, ки дар онҳо ҳунармандон дар зери истисмори сахти бераҳмона мемонданд. С.Айнӣ дар «Ёддоштҳо» чунин мануфактура – устохонаи рехтагариеро тасвир мекунад, ки ба шайхи давлатманд тааллуқ дошт. Коргарон дигар ба азобу машаққат тобоварӣ карда натавониста, устохонаро оташ мезананд ва соҳибаш дар он ҷо месӯзад. Эътирози коргарони бадбахт дар ҳамин шакл зоҳир гардид.

Эътироз дар шаклҳои дигар ҳам баён мешуд. Аҳолии баъзе маҳалҳо яроқ ба даст гирифта, зидди талошу тороҷу худсарию бедодиҳои ҳукуматдорони амир мубориза мебурданд. Дар ибтидои асри ХХ дар бекиҳои Помир – дар Рӯшон, Шуғнон, Вахон вазъият бениҳоят тезутунд шуд. Аҳолии ин маҳалҳо, ки худ гушнагӣ мекашиданд, андозҳои сершумореро, ки аз онҳо ҳукуматдорони амир ситонданӣ мешуданд, адо карда наметавонистанд. Ба ин муносибат доимо шӯру ошӯбҳо мешуд.

Вазъият боз барои ҳамин ҳам шадид мешуд, ки дар ин ҷойҳо посбонгоҳҳои қӯшунҳои рус воқеъ буданд ва афсарони онҳо хавф доштанд, ки тоҷикон ба хориҷа кӯчида меравандӣ[10]. Агар ин тавр шавад, аз як тараф, посбонгоҳҳо аз манбаи хӯроку озуқа маҳрум мешуданд, аз тарафи дигар, ба ақидаи афсарон, «ба номи империяи Россия иснод мерасид». Дар байни афсарон одамоне ҳам буданд, ки мафкураи демократӣ доштанд ва дар тоифаи худ нисбатан тараққипарвар ҳам буданду усулҳои асримиёнагии идораи Бухоро онҳоро ба даҳшат меовард. Масалан, сардори отряди Помир капитан А.Е.Снесарев дар бораи дигар шудани бекҳо навишта буд, ки «беки пештара мардумро ё ғорат мекард, ё калтак мезаду ҳар дуи инро якбора намекард; беки нав бошад, ҳар дуи ин корро якбора мекунад, яъне ҳам калтак мезанаду калтакхӯрдагонро ғорат ҳам мекунад. Зимнан барои ин талошу калтаккорӣ баҳонаи дуруст ҳам ҷуста наменишастанд, чаққа мешуданду беҳуда кӯфтан мегирифтанд»[11].

Бо исрори ҳукумати подшоҳӣ баъди дар бекиҳои Помир интишор ёфтани ҳокимияти Бухоро аз мардум дар муддати чанд сол андоз гирифтан мумкин набуд. Вале дар ин муддат сатҳи зиндагии мардум заррае боло нашуд, зеро асоси иқтисодии кишвар зироатпарварии беҳад қафомондае буд. Бинобар ин, вақте соли 1903 амалдорони амир эълон карданд, ки андоз гирифтаниянд, мардуми ғарби Помир якбора ба шӯр омад. Дар баъзе маҳалҳо (масалан, дар Ғунд, Шоҳдара, Ғорон ва ғ.) мардум рӯйрост рахти сафар мебастанд, ки ба маҳалҳои озод аз ҳукми амир, масалан ба Туркистони тобеи ҳукумати подшоҳии Россия кӯчида меравананд. Ҳамон сардори Отряди Помир ба губернатори ҳарбии Фарғона ҳаросон хабар дода буд, ки дар баъзе ҷойҳо, «дар маҷлисҳои махфӣ» гап рафтааст, ки «акнун вақти он аст, ки тоҷикон худро муҳофизат кунанд ва милтиқ (чи тавре дар матни хабар айнан омадааст – «мултуқ») ба даст гиранд[12].

[10] Ғайр аз ин шиддат ёфтани вазъияти Помирро империалистони Британия, ки кайҳо ба ин ноҳия тамаъ доштанд, мумкин буд истифода баранд ва инро З.Баҳромов дар мақолааш дуруст баён кардааст. Ниг.: Баҳромов З., 1957, с. 63–64.

[11] ЦГА Уз. ССР, р. 77,–вар. 105–109; Муфассал ниг.: Халфин Н.А., 1975.

[12] ЦГА Уз. ССР, д. 77, лл. 160-170.

Тақрибан, пас аз ду ҳафта маълум шуд, ки ин хавф асос доштааст. 30 июни соли 1903 ба деҳаи Зинг (Вахон) ду амалдори Бухоро омада, адои андозро талаб карданд. Ин кор боиси ғазаби халқ гардид. Деҳқонон дар майдони канори деҳа ҷамъ омаданд. Дар ҷамъомади митингмонанд ҳама савганд хӯрданд, ки амлокдоронро мекушанду баъд аз хоки амири Бухоро гурехта мераванд.

Ҳавлие, ки дар он амлокдорон меистоданд, муҳосира карда ҳар дуро кашолакунон баровараанду дасту пояшонро куллук бастанд. Баъд чизу чораи худро ба китф партофта, ба роҳ баромаданд, ки Бухорои манфурро тарк намоянд. Мардум хеле дур рафтанду вале сардори яке аз посбонгоҳҳо хорунжий Голявинский аз воқеа хабар ёфта, аз паси онҳо давид ва расонда гирифту амлокдорони аз тарс қариб гурдакафшударо халос кард. Баъди маслиҳату машварати дурудароз Голявинский мардуми Зингро аз нияташон гардонд ва розӣ кард, ки ба деҳаашон баргарданд.

Шӯру ошӯбҳои халқӣ дар ғарби Помир рӯз ба рӯз вусъат меёфт. Ҳукумати подшоҳӣ инро дида амирро розӣ кунонд, ки боз маншуре барораду дар бекиҳои Помир муҳлати ғундоштани андоз боз мавқуф гузошта шавад. Ин ғалабаи калони халқ буд.

## Шӯру ошӯбҳои халқӣ

Авҷи шӯру ошӯбҳои халқӣ дар бекиҳои ғарби Помир ҳодисаи ҷудогонаву мустасно набуд. Худи ҳамин хел ҳодисаҳо ва дар ҳамин шакл дар ноҳияҳои гуногуни аморати Бухоро ба амал меомаданд. Дар Бухорои шарқӣ, ки анъанаҳои озодидӯстӣ ҳанӯз мустаҳкам буданд, мардум зуд-зуд ба даст сангу кулӯх, калтаку таёқ ва белу каланд гирифта ба по мехестанд.

Дар ибтидои асри XX неҳзатҳои зиддиҳукуматӣ ниҳоят шиддат гирифтанд. Ин воқеа сабабҳои зерин дошт – истисмори феодалӣ ва зулму асорати андозҳо тоқатгудоз мешуд. Худшиносии синфии камбағалони маҳаллӣ такмил меёфт, ба сабаби ҳама бозорҳоро зер кардани молҳои русии фабрику заводӣ мардум, алалхусус, косибон тез бенаво мешуданд ва ғайраву ва ҳоказо. Ин неҳзатҳо барои ҳамин ҳам аҳамияти калон доштанд, ки бо муборизаи озодихоҳонаи пролетариат ва деҳқонони тамоми Россия, бо ҳаракати револютсионии кишвари Туркистон зич алоқаманд шуда мерафтанд.

Масъалаи тадқиқи шӯру ошӯбҳои меҳнаткашони Бухорои шарқӣ зидди ҳокимияти амир ва нукарони вай дар солҳои охир хеле пеш рафта бошад ҳам,[13] аз афти кор, тадқиқи амиқу муфассали ин масъала дар пеш аст. Умуман, материалҳои архивҳо, алалхусус ҳуҷҷатҳои архиви қушбегиро, ки дар Тошканд маҳфуз аст ва фонди сектори таърихи асрҳои миёнаи Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши АФ РСС Тоҷикистонро дар Душанбе ниҳоят муфассал тадқиқ кардан даркор, ки онҳо мадракҳои басо муфид хоҳанд дод.

Вале маълумоти мавҷуда ҳам имкон медиҳанд иддао намоем, ки дар арафаи револютсияи якуми буржуазии демократии солҳои 1905–1907-уми Россия замона ҳам барои ҳукумати подшоҳии Россия ва ҳам барои

[13] Дар бораи ин воқеаҳои муҳим дар ҷилди 2, китоби 2-юми «Таърихи халқи тоҷик» бисёр маълумоти пурқимат дода шудааст.

ҳукуматдорони аморат бағоят пуртаҳлука ва нотинҷ буд. Алангаи шӯру ошӯбҳои халқ гоҳ дар ин ҷову гоҳ дар он ҷо боло мехест. Соли 1900 шӯриш бекии Калифро фаро гирифт, соли дигар (1901) дар Деҳнав, соли 1902 дар Қӯрғонтеппа шӯриш шуд.

Дар солҳои аввали асри XX Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои атрофи он дучори офатҳои табиат шуда буданд–аввал малах зер кард, баъд муромурии чорво сар шуд. Вале ба ин нигоҳ накарда амлокдорони бек бераҳмона закоту андозро кашида мегирифтанд, судхӯрону савдогарон аз ночорию ноилоҷии мардум истифода бурда, давлат меандӯхтанд. Замона басо нотинҷ бошад ҳам, амир бо таҳрики амалдорони подшоҳӣ фармуд, ки тамоми ғаллаи шаҳру деҳаҳоро ҷамъ карда гиранд, ҳол он ки худи мардум аз гушнагӣ мурда мерафт. Мардум дигар илоҷе намеёфтанд, баъзе мисли аҳолии Қӯрғонтеппа ният доштанд сарашонро гиранду ба Афғонистон ё ягон ҷойи дигар гурехта раванд, баъзе ҳамин тавр ҳам карданд.

Ба хоки генерал-губернатории Туркистон, ба Афғонистон ё ба дигар бекиҳо, ки аҳвол дар он ҷойҳо ҳам беҳтар набуд, гурехта рафтан фақат аз ҳамин далолат медод, ки мардум ноумед шудаасту чӣ кор карданашро намедонад. Ин корро, албатта, усули қатъии мубориза номидан мумкин не. Аммо дар айни ҳол бояд гуфт, ки ин ҳам як шакли эътирози мардуми бадбахту сарсахту хонабардӯшу қашшоқу бенавои Бухорои шарқӣ буд, ки нисбат ба муҳити пур аз ҳақорату залолат ва зулму асорат зоҳир месохт...

## 3. РЕВОЛЮТСИЯИ СОЛҲОИ 1905–1907 ВА ИШТИРОКИ МЕҲНАТКАШОНИ ТОҶИК ДАР ОН

В.И.Ленин навишта буд: «Капитализми ҷаҳонӣ ва ҳаракати рус дар соли 1905 Осиёро тамоман бедор карданд. Садҳо миллион аҳолие, ки дар беҳаракатии асримиёнагӣ хорузор ва ваҳшӣ гаштааст, ба ҳаёти нав ва ба мубориза барои ҳуқуқҳои одитарини инсон, барои демократия бедор шуданд»[14]. Ин суханон ба Осиёи Миёна, аз ҷумла, ба халқи тоҷик низ комилан дахл доранд.

Дар арафаи револютсияи соли 1905[15] пролетариати миллии камшумори Осиёи Миёна дар ҳаракати револютсионӣ роли асосиро бозӣ карда наметавонист. Дар сафи пеши ҳаракати револютсионӣ пролетарҳои рус меистоданд, ки дар шаҳрҳои калони Туркистон ва стансияҳои роҳи оҳан гирд омада буданд. Коргарони рус дар Осиёи Миёна ба воқеаҳои револютсионии солҳои 1905–1907 фаъолона иштирок мекарданд: намоишҳо, корпартоиҳо, маёвкаҳо ташкил намуда, таблиғоти васеъ мегузаронданд, шӯришҳо мебардоштанд, шӯроҳои депутатҳои коргарон ташкил мекарданд.

[14] Ленин В.И., Асарҳо, ч. 19, с. 70.

[15] Мо ин воқеаи таърихиро аз нуқтаи назари таъсири он ба тараққиёти халқи тоҷик баррасӣ менамоем; муаллиф дар назди худ вазифаи ҳаматарафа тадқиқ кардани онро нагузоштааст, зеро ба ин масъала тадқиқоти асосии Пясковский А.В. (1958) ва як қатор асарҳои дигар мавҷуданд.

Ташкилотҳои сотсиал-демократии Туркистон рӯзномаҳои «Рабочий», «Русский Туркестан» ва «Самарканд» мебароварданд. Дар ин рӯзномаҳо ваҳшигарии ҳукумати подшоҳӣ фош карда шуда, аҳволи синфи коргар баён меёфт, вазифаҳои револютсия маънидод карда мешуданд. Рӯзномаҳо инчунин ба задухӯрд бо ҳукумати подшоҳӣ даъват мекарданд.

Дар инкишофи ҳаракати револютсионӣ дар Осиёи Миёна ва фаъолияти ташкилотҳои партиявӣ комитети болшевикии Боку роли роҳбарикунанда мебозид. Комитети Боку ба Осиёи Миёна кадрҳои ходимони партиявӣ фиристода, бо варақаҳо таъмин карда меистод[16].

Мубоизаи қаҳрамононаи пролетариати Россия, кори ташвиқотию тарғиботӣ ва ташкилӣ, ки болшевикон мебурданд, пролетарҳои маҳаллиро, аз он ҷумла пролетарҳои тоҷикро ба роҳи ҳаёти сиёсӣ дароварда, онҳоро ба муборизаи револютсионӣ ҷалб менамуданд. Меҳнаткашони маҳаллӣ торафт бештар яқин ҳосил мекарданд, ки ба онҳо бойҳои маҳаллӣ ва амалдорони подшоҳӣ зулм мекунанду пролетарҳои рус дар мубориза барои озодии миллӣ ва иҷтимоӣ бародарони калони онҳо мебошанд. Коргарони шуурноктари маҳаллӣ ба ташкилоти болшевикон дохил мешуданд.

То аввалҳои соли 1905 на танҳо дар Тошканд, балки дар як қатор шаҳрҳои дигар, аз ҷумла шаҳрҳои тоҷикнишин ҳам ташкилотҳои партиявӣ вуҷуд доштанд. Дар моҳи октябри соли 1906 генерал-губернатори Туркистон ба вазири ҳарбӣ ба ин мазмун хабар дода буд:

«Самарқанд дувумин маркази амалиёти револютсионерон дар кишвар аст...». Дар шаҳрҳо варақаю брошюраҳо, аз ҷумла, асарҳои В.И.Ленин паҳн карда мешуданд. Рӯзномаҳои болшевикии – «Искра»-и ленинӣ, «Пролетарий», «Вперед», «Новая жизнь» ва ғайра ғояҳои Маркс ва Ленинро дар байни халқ интишор мекарданд. Политсияи Туркистон ҳангоми кофтукови шаҳру деҳаҳои гуногуни генерал-губернаторӣ ин гуна адабиёти инқилобиро беш аз пеш меёфт. Ин адабиёт ба қасабаҳои русҳо, ки дар баъзе маҳалҳои аморати Бухоро[17] воқеъ буд, ба худи шаҳри Бухоро, ҳамчунин ба хонии Хева низ роҳ ёфта буд. «Искра»-и ленинӣ дар Осиёи Миёна ҳанӯз соли 1902 пайдо шудааст (соли 1966 дар архиви шахсии яке аз сокинони шаҳри Ӯротеппа шумораи якуми ин рӯзнома ёфт шуда буд). Дар рӯзномаи «Искра» дар бораи аҳволи вазнини меҳнаткашони Осиёи Миёна хабару мақолаҳо чоп карда мешуд ва ин равшан далолат мекунад, ки байни редаксияи ин рӯзнома ва ходимони фаъоли инқилобии дар ин ноҳия амалдошта робитаи мустаҳкаме буд. Органҳои матбуоти ленинӣ ба дараҷаи ниҳоят бузург мусоидат карданд, ки ташкилотҳои сотсиал-демократии Туркистон дар арафаи револютсияи якуми буржуазии демократии рус муттаҳид гарданд ва тактикаи дурусти худро кор карда бароянд.

Дар мулкҳои мустамликавии осиёимиёнагии Россияи подшоҳӣ васеъ паҳн шудани брошюраи В.И.Ленин «Ба камбағалони деҳот» аҳамияти махсус дошт. Ин асар, ки аз тарафи доҳии даҳои пролетариат соли 1903 таълиф шуда буд, ба забони ба тамоми табақаҳои аҳолӣ фаҳмо программаи болшевиконро, пеш аз

---

[16] Очерки истории Коммунистической партии Туркистана; Социал-демократические организации Туркистана в дооктябрьский период (1903 – март 1917), 1958, с. 27-28.
[17] Дар ин бора ниг.: Фомченко А.Л., 1958, с. 31–39.

ҳама, программаи болшевиконро дар масъалаи аграрӣ баён мекард. Махсус қайд кардан лозим, ки вақте баҳори соли 1906 дар империяи Россия, аз ҷумла дар Туркистон ҳам ҳодисаҳои револютсионӣ ниҳоят авҷ гирифтанд, рӯзномаи «Зеравшан» (номи пештарааш «Самарқанд»), ки онро сотсиал-демократҳои маҳаллӣ нашр менамуданд, «Ислоҳоти аграрӣ» ном мақолаи махсус чоп карда буд.

Муаллифи ин мақола ба нуктаҳои асари В.И.Ленин «Ба камбағалони деҳот» комилан такя карда навишта буд: «...Намояндаи сотсиал-демократҳои рус Ленин дар брошюрааш «Ба камбағалони деҳот» гӯё қарорҳои съезди III соли 1905 шудаи партияро пешакӣ баён намуда, ҳамчунин менависад, ки аз помешикон на қитъаҳои замин, балки тамоми заминҳоро мусодира кардан даркор... Вазифаи аввалин, асосӣ ва доимии мо бояд мустаҳкам кардани иттифоқи пролетарҳову нимпролетарҳои деҳот ва пролетарҳои шаҳр бошад; модоме ин иттифоқ арзи вуҷуд менамояду мустаҳкам мегардад, пас ҳатман ғалаба ба даст меоварем ва бо суръати тамом ба озодии комили аҳли меҳнат муяссар мешавем»[18].

Ҳоҷати гап ҳам нест, ки тезисҳои ленинӣ оид ба мустаҳкам кардани аҳолии мазлуми шаҳру деҳот дар шароити Осиёи Миёна, ки аҳолиаш асосан деҳқонон буданд, чӣ гуна аҳамияти калон доштанд!

Асари классикии коммунизми илмӣ дар Туркистон васеъ паҳн шуда буд. Ҳаминро гуфтан кофист, ки сагони бӯйгири подшоҳӣ дар куҷое адабиёти сотсиал-демократиро ёбанд, аз он ҷо ҳатман «Манифести коммунистӣ» ҳам мебаромад. Дар Самарқанд, Хӯқанд, Ашқобод, Марғелон, Тошканд, Марв, Чорҷӯй, Андиҷон – дар ҳама ҷо «Манифести коммунистӣ» буд ва ин ноқуси инқилоб баланд садо медоду халқро ба муборизаи зидди истисмору асорат ба по мехезонд.

Муҳаққиқи тоҷик М.Аслонов рӯйхати китобу мақолаҳои пинҳониеро меоварад, ки дар байни ҳуҷҷатҳои сардори уезди Хуҷанд ёфт шудаанд. Дар ин ҷо мо асарҳои В.И.Ленин «Маърӯза дар бораи съезди муттаҳидкунандаи Партияи сотсиал-демократии коргарии Россия», «Аз нав дида баромадани программаи аграрии партияи коргарӣ», «Пароканда кардани Дума ва вазифаҳои пролетариат», «Ду тактикаи сотсиал-демократия дар револютсияи демократӣ», асари К.Либкнехт «Тортанакҳо ва пашшаҳо», Р.Люксембург «Револютсияи рус», Б.Самойлов «Озод кардани коргарон бояд кори худи коргарон бошад», Пол Лафарг «Материализми иқтисодии Карл Маркс» ва дигар китобу мақолаҳоро мебинем[19].

Бешубҳа, ташкилотҳои сотсиал-демократии Туркистон, ки ба онҳо В.И.Ленин ва ҳамсафонаш роҳбарӣ мекарданд, дар масъалаи дар байни халқҳои Осиёи Миёна паҳн кардани ғояҳои револютсионии болшевикон хизмати бузургеро анҷом доданд. Сабаб маҳз ҳамин буд, ки револютсияи солҳои 1905–1907 на фақат ноҳияҳои аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ ва саноатӣ нисбатан мутараққии маркази мамлакат, балки ҳамчун сели тавоно тамоми гӯшаву канорҳои мустамликавии осиёимиёнагии империяро пахш кард.

---

[18] Рӯз. «Зеравшан», № 27, 10 марти соли 1906. Иқтибос аз китоби Мавлонӣ И., 1960, с. 29–30.
[19] Аслонов М., 1965, с. 31,

Уқдаи беҳад печдарпечи ихтилофҳои иҷтимоӣ, ки хоси ноҳияҳои руснишин буд, дар кишвари Туркистон ба касофати зулми гарони миллӣ боз ҳам мураккабтар мешуд. Пролетариати Туркистон нисбат ба пролетариати марказҳои калони саноатӣ аз ҷиҳати сиёсӣ ба андозае қафо мемонд, он қадар муташаккилу муттаҳид набуд ва мисли пролетариати марказҳои калони саноатӣ дар муборизаи синфию сиёсӣ таҷрибаи казоӣ ҳам надошт, вале маҳз бори гарони зулми миллӣ кори пролетариати Туркистонро хеле осон мекард. Тасодуфӣ нест, ки вусъати воқеаҳои револютсионии Осиёи Миёна ҳукуматдорони Россияи подшоҳиро ҳам дар худи Петербург ва ҳам дар худи генерал-губернаторӣ гаранг карда партофт. Ин ҳодисаҳо барои онҳо ногаҳонӣ шуданд.

Зимнан муборизони зидди зулму асорат дар Осиёи Миёна равшан ба исбот расонданд, ки онҳо ҳамсафони лоиқу шоистаи он қувваҳои револютсионие буданд, ки дар саросари мамлакати сермиллат амал доштанд.

«Якшанбеи хунин»-и 9 январи соли 1905, ваҳшиёна тирборон шудани намоишгарони беяроқ тамоми мамлакатро аз қаҳру ғазаб ба даҳшат оварду боиси нафрату адовати аҳли кишвари Туркистон ҳам гардид. Бо ташаббуси болшевикон дар рӯзи «Иди Татяна», яъне 12 январи 1905, ки дар ин рӯз 150-солагии Университети Москва ҷашн гирифта мешуд, дар чандин шаҳрҳои генерал-губернаторӣ – дар Тошканд, Самарқанд, Қизиларват митингу намоишҳо шуда, иштирокчиёни онҳо дар ҷавоби ваҳшонияти нукарони бенӯхтаи подшоҳ, ки дар Петербург содир намудаанд, қаҳру ғазаб ва нафрату кинаи худро изҳор доштанд.

Дар Самарқанд – дар зиёфате, ки ба муносибати ҷашни Университети Москва барпо гардид, болшевикон М.В.Морозов ва П.В.Позняков иштирок карданд. Азбаски дар зиёфат асосан зиёиён ширкат меварзиданд, Морозов ба онҳо муроҷиаткунон нутқи шуълаваре эрод кард ва хотирнишон намуд, ки «дар университет алангаи инқилоб мудом шуълавар буд». Вақте бо талаби қисми иртиҷоии ҳозирон гимни подшоҳӣ навохта шуд, болшевикон ва ҳамфикрони онҳо намоишкорона аз зиёфат баромада рафтанд. Бисёр аҳамияти калон дошт, ки револютсионерони Туркистон ба «Иди Татяна» ранги рӯирости сиёсӣ доданд, алалхусус, мумкин гуфт, ки ин якумин воқеае буд, ки дар мулкҳои осиёимиёнагии ҳукумати подшоҳӣ зидди он ин қадар эътирози оммавӣ зоҳир карда шуд.

Баҳори соли 1905 дар кишвари Туркистон ҳаракати сотсиал-демократӣ хеле вусъат ёфт. Махсусан, «Гурӯҳи муттаҳидаи сотсиал-демократҳо ва сотсиал-револютсионерҳо», ки аз охири соли 1904 то марти 1905 амал дошт, (моҳи марти 1905 онҳо аз ҳам ҷудо шуданд ва гурӯҳи тошкандии РСДРП таъсис ёфт) хеле фаъолона кор кард. Ин гурӯҳ чанд варақаву шиорҳо бароварда, нашрияҳои гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ ва ташкилотҳои дигар ноҳияҳои мамлакатро дар Осиёи Миёна паҳн мекард. Яке аз варақаҳои гурӯҳи тошкандии РСДРП аз санаи 2 апрели соли 1905 махсус барои коргарони роҳи оҳани Осиёи Миёна навишта шуда буд ва даъват мекард, ки роҳиоҳанчиён ва дигар коргарони ёрдамчии стансияи Черняево иззати нафси худро нигоҳ доранд, аз маъмурият иҷрои талабҳои худро исрор намоянд ва агар маъмурият

рад кунад, корро партоянд[20]. Ин даъватнома ва дигар корҳои револютсионерон, ки дар байни коргарони роҳи оҳан бурда мешуд, натиҷаи хуб доданд. «Черняевагиҳо» аз шарикони дар дигар стансияҳо кор мекардагии худ намонданд ва аз 9 апрел корро партофтанд. Ин нахустин иқдоми меҳнаткашони мазлуми генерал-губернатории Туркистон буд, ки дар арсаи неҳзати зиддиҳукуматӣ гузошта шуд. Ин неҳзатҳо аз бисёр ҷиҳат номуташаккил ва бенизом бошанд ҳам, вале ояндаи онҳо калон буд.

Корпартоиҳои отряди пешқадами пролетариати Осиёи Миёна – роҳиоҳанчиён бо мавҷи тавонои шӯру ошӯбҳои камбағалони деҳот, ки баҳори соли 1905 якбора авҷ гирифта буд, ба ҳам печида рафт. Шӯру ошӯбҳои деҳқонон тамоми Туркистони Россияро фаро гирифтанд, аммо дар водии Фарғона вусъати махсус доштанд. Онҳо зоҳиран зидди қаллобию каззобӣ ва фиребу найрангу бедодию худсариҳо, ки дар вақти интихоби калонони деҳот рӯй медод, инчунин бар зидди тақсимоти беинсофонаи об нигаронида шуда буданд.

Моҳи майи соли 1905 пур аз ҷамъомаду намоишу корпартоиҳое буданд, ки дар онҳо табақаҳои навбанави шаҳриён ва камбағалони деҳот, инчунин баъзе намояндагони табақаҳои майдабуржуазӣ, аскарони ақидаву мафкураашон револютсионӣ, муаллимон, адвокатҳо, муҳандисон ва дигар намояндагони ба револютсия хайрхоҳи зиёиён иштирок мекарданд. Тобистони соли 1905-уми Туркистон ҳам аз митингу намоишҳои сиёсӣ ва вусъати корпартоиҳо моломол буд. Обрӯю эътибори ташкилотҳои сотсиал-демократӣ дар байни омма торафт баланд мешуд, онҳо аз пеш беш варақаву даъватномаҳо чоп мекарданд, кори ташкилии худро такмил медоданд. Намоишҳо дар Тошканду Самарқанду Ашқобод ва дар дигар шаҳрҳои кишвари Туркистон зери шиорҳои «Зинда бод озодӣ!» «Нест бод ҳукумати мутлақа!» мегузашт. Дар корпартоиҳо вакилони харҷ, либосдӯзон ва коркунони нақлиёти шаҳр ширкат меварзиданд. Масалан, дар Самарқанд қариб тамоми коркунони муассисаҳои савдо, корхонаҳои чойпечонӣ, ки аксарияти он коркунон аз ҷумлаи миллатҳои маҳаллӣ буданд, дар корпартоӣ иштирок карданд.

Ҳаракати эътироз торафт вусъат меёфту қӯшунҳои Округи ҳарбии Туркистонро ҳам фаро гирифт. Дар ин кор ҳам хизмати ташкилотҳои сотсиал-демократӣ калон аст. Бисёр даъватномаҳои онҳо махсус барои аскарҳо навишта шуда «Ба аскарҳо!» ном доштанд. Дар ин даъватномаҳо ҳаққонӣ исбот карда мешуд, ки ҳокимияти мутлақа, капиталистҳо ва помешикҳо барои пролетариату деҳқонони тамоми империяи Россия ҳар қадар касофатбор бошад, барои аскарҳо ҳам ҳамон қадар фалокатбор мебошад. Дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ кружоку комитетҳои аскарҳо таъсис меёфтанд, ки зери таъсири сотсиал-демократҳо буданд. Ин кружоку комитетҳо дар анҷоми корҳои сиёсиву тарбиявии байни қӯшунҳо хизмати калон карданд. Тасодуфӣ нест, ки тобистони соли 1905 дар баталиони саперҳои Тошканд, дар ротаи телеграфчиёни ҳарбии Туркистон, дар баталиони 7-уми тирандозони Туркистон, дар баталиони роҳиоҳанчиёни ҳарбии Закаспий ва дар дигар қисмҳои ҳарбӣ зуд-зуд шӯру ошӯбҳо мешуданд. Ин шӯру ошӯбҳо пешхабари

---

[20] Варақаи «К рабочим Среднеазиатской железной дороги» ниг.: Пясковский А.В., 1958, с. 118-119.

ҳамон неҳзатҳои қатъӣ буданд, ки минбаъд бунёди тартиботи ҳукумати подшоҳӣ – қӯшунҳоро фаро гирифт.

Авҷи тавонои ҳаракатҳои револютсионӣ дар ноҳияҳои марказии мамлакат, дар Украина ва дар Кавказ, тирамоҳи соли 1905 дар кишвари Туркистон ҳам хеле ҳамовозӣ ёфт. Дар ин бобат корпартоии умумии сиёсӣ, ки моҳи октябр дар Россия ба вуқӯъ омад, хеле мусоидат кард. Дар ҷидду ҷаҳди револютсионии меҳнаткашон чӣ мақом доштани он корпартоиро В.И.Ленин батафсил тавсиф додааст: «Корпартоии сиёсии умумироссиягӣ ин дафъа ҳақиқатан ҳам тамоми мамлакатро фаро гирифта, ҳамаи халқҳои «империя»-и лаънатии Россияро ба хуруҷи қаҳрамононаи синфи мазлумтарин ва пешқадамтарин муттаҳид намуд. Пролетарҳои ҳамаи халқҳои ин империяи ҷабру зулм акнун дар як армияи бузурги озодӣ ва армияи сотсиализм саф ороста истодаанд. Москва ва Петербург бо ташаббуси револютсионии пролетарии худ сазовори шаъну шараф гардиданд. Пойтахтҳо корпартоӣ карданд, Финландия корпартоӣ мекунад. Кишвари Остзей бо сардории Рига ба ҳаракат ҳамроҳ шуд»[21].

Ин нуктаҳоро, ки 31 /18/ октябри соли 1905 баён шудаанд, пурра ба Осиёи Миёна ҳам нисбат додан мумкин аст. Тамоми роҳи оҳани Осиёи Миёна аз кор монд, зеро тамоми роҳиоҳанчиён корро партофтанд. Аз баромадҳои пештараи роҳиоҳанчиён фарқи ин корпатоӣ дар ҳамин буд, ки талаботи коргарон хосияти амиқу яқини сиёсӣ доштанд. Ин корпартоӣ барои тарафдорию дастгирии роҳиоҳанчиёни қисми аврупоии мамлакат ташкил карда шуда буд ва ин роҳиоҳанчиён дар баробари талаби беҳтар кардани аҳволи иқтисодии худ ҳамчунин программаи мубориза барои ҳуқуқҳои сиёсиро ҳам пеш ниҳода буданд. Корпартоӣ аввал дар Ашқобод сар шуд ва зуд дар саросари роҳҳои оҳани Осиёи Миёна дастгирӣ карда шуд. Дар Ашқобод, Қизиларват, Тошканд, Самарқанд ба роҳиоҳанчиён, коргарону коркунони дигар соҳаҳо – коркунони матбааҳо, вакилони харҷ ва ғайраҳо ҳамроҳ шуданд. Коргарони матбааи Демурови шаҳри Самарқанд, ки маҳз дар ҳамин матбаа рӯзномаи «Самарқанд» – органи болшевикон чоп мешуд, хеле фаъолона амал карданд.[22] Онҳо дар сафи пеши пролетариати Самарқанд мубориза мебурданд Ва ҳанӯз соли 1904 ва ибтидои соли 1905 ба онҳо муяссар шуда буд, ки шароити кори худро ба андозае беҳтар кунанд.

Ташкилоти болшевикони Самарқанд ба мубориза меҳнаткашон барои гузарондани корпартоии умумӣ сарвар шуд. Аллакай 17-уми октябр коргарони шаҳр ба корпартоии роҳиоҳанчиён ҳамроҳ шуданд ва рӯзи дигар намоиши умумии серодам ташкил намуданд. Дар бораи воқеаҳои 18-уми октябри Самарқанд мухбири рӯзномаи «Русский Туркестан» чунин навишта буд: «Рӯзи сешанбе, соати 10 ба кӯча баромадаму дидам, ки ҳар ду матбаа бастагӣ, магазину дӯконҳо қулф; аз гимназияи бачагон писарбачаҳо «Ура!», «Зинда бод озодӣ!» – гӯён додзанон берун рехтанд, талабаҳои синфҳои болоии гимназия ба тарафи гимназияи духтарон давиданд, ки онҳоро ҳам «бардоранд». То соати 12 тамоми коргарони шаҳри Самарқанд корро партофтанд. Идораҳои нақлиёти шаҳр ҳам ба корпартофтагон ҳамроҳ шуданд. Ҳаёти шаҳр дар як они

[21] Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 9, с. 408.
[22] Епифанов В.М., 1908.

ҳол карахту шах шуда монд. Мардумони тангназар ҳаросон ғаллаву дигар хӯрокворӣ харид карда захира менамуданд, зеро гурдаашон мекафид, ки корпартоӣ дер давом хоҳад кард. Дарвоқеъ, то бегоҳ тамоми нонвойхонаҳо руст буданд, фақат қарибиҳои шом мардум дар митинг ҷамъ омада қарор доданд, ки нонвойхонаҳо ва дӯконҳои қассобӣ фавран кушода шаванд»[23].

Сонитар, ба роҳиоҳанчиёни Осиёи Миёна коргароне ҳамроҳ шуданд, ки шохаи ҷанубии роҳи оҳани Оренбург–Тошкандро месохтанд. Дере нагузашта корпартоии роҳиоҳанчиён ба корпартоии умумии сиёсӣ табдил ёфт. Пролетариати Самарқанд, ки сарвараш болшевикон буданд, ҷавобан ба манифести 17 октябри 1905-уми подшоҳ намоиши тавоное ташкил доданд ва дар чорбоғи шаҳр митинги серодаме барпо карданд, ки дар он зиёда аз ҳазор кас иштирок доштанд. Ба раёсати маҷлис якдилона болшевик М.В.Морозовро интихоб карданд. Вай ҳозиронро даъват намуд, ки эҳтироми шаҳидонро ба ҷо оваранд.

Ҳукуматдорон митингро бо воситаи дастаи казакҳо пароканда карданӣ шуданду вале натавонистанд. Дар резолютсияе, ки ҳозирон қабул карданд, чунин гуфта мешуд: «...мо ба синфи коргар, ба ин мубориз суботкору фидокори роҳи озодӣ изҳори ҳамдардӣ менамоем ва талабҳои иқтисодии вайро, аз он ҷумла ин талабҳо – бетаъхир ҷорӣ кардани рӯзи 8-соатаи кор ва дар тамоми соҳаҳои меҳнату истеҳсолот муқаррар кардани рӯзи пурраи истироҳатро қатъиян дастгирӣ мекунем... Ҳамаи ононе, ки вобаста ба фаъолияти сиёсӣ таъқиб шудаанд, бояд фавран авф карда шаванд. Ҳамаи маҳбусони сиёсӣ ва бадарғашудагон бояд фавран озод карда шаванд»[24].

Мутаассифона, сотсиал-демократҳои Самарқанд ба ҳуҷҷати авомфиреби подшоҳ – манифести 17 октябр созишкорона муносибат намуданд ва ин кори онҳо ба ҳукуматдорони Самарқанд ба андозае имкон дод, ки корпартоии октябрро шикаст диҳанд. Вале корпартоиҳое, ки дар Самарқанд ва дар дигар маҳалҳои кишвар торафт авҷ мегирифтанду ба он коргарони заводи пахта ва дигар заводҳо низ ҳамроҳ шуданд, далолат менамуд, ки шуури сиёсӣ ва синфии меҳнаткашон хеле баланд шудааст. Қувваҳои револютсионии кишвар, ки ҳанӯз таҷрибаи кофӣ надоштанд, саҳву хатоҳои худро бартараф мекарданду аз онҳо ибрат мегирифтанд, дасисаву туҳмату буҳтонҳои ҳукуматдоронро рафъ месохтанд, ба кушокушиҳову террори политсайҳову казакҳо муқобилат мекарданду торафт равшану возеҳтар изҳор медоштанд, ки қувваи сиёсие гардидаанд, ки иқтидори онро пурра ба назар нагирифтан мумкин нест.

Ҳамин ҳам аҳамияти аввалиндараҷа дошт, ки мубориззони пешқадам – аъзои ташкилотҳои сотсиал-демократӣ (болшевикӣ) зарурати ба муборизаи зидди ҳукумати подшоҳӣ ва иртиҷоъпарастони ҳам умумироссия ва ҳам маҳаллӣ ҷалб кардани оммаи миллатҳои маҳаллиро нағз мефаҳмиданд. А.В.Пясковский комилан дуруст таъкид менамояд, ки «Русский Туркестан» ва «Самарқанд» барин органҳои матбуот «масъалаи озодӣ ва баробарии миллатҳо, масъалаи муборизаи зидди миллатчигии буржуазиро ба таври болшевикона пеш мениҳоданд ва борҳо ба ҳимояту муҳофизати халқиятҳои

[23] Рӯзномаи «Русский Туркестан», 9 ноябри соли 1905. Иқтибос аз китоби Пясковский А.В., 1958, с. 195.
[24] Рӯзномаи «Самарқанд», 22 октябри соли 1905. Иқтибос аз китоби Пясковский А.В., 1958 с. 206.

мазлуми Туркистон баромаданд. Масалан, рӯзномаи «Русский Туркестан» моҳи декабри соли 1905 «Неҳзати озодӣ ва мардуми таҳҷоӣ» ном мақолае чоп карда, дар ин мақола навишта буд: «Онҳо (яъне намояндагони аҳолии маҳаллӣ –Б.Ғ.) оқибати нохуши корпартоии роҳиоҳанчиён ва дигар корпартоиҳоро фаҳмида, рӯирост изҳори умед менамоянд, ки пас аз табаддулоти давлатӣ дар ноҳияи дурдасти мо ҳам тартиботи дигар муқаррар мегардад ва баробари ҷорӣ шудани ин тартибот даҳшати ҳалокатбори худсарию зулму асорату зӯроварӣ, ки зодаи тарзи мавҷудаи идора асту дар ниҳоди мардум тамоми падидаҳои солими ташаббуси шахсӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва, умуман, пешрафти маданиро тамоман сӯхтаву хокистар мекунад, абадуддаҳр барҳам хоҳад хӯрд. Аз афти кор, кайҳо вақти он расидааст, назарияи беақлонаи нажодҳои олию омиро, ки мувофиқи он нажодеро Худо барои ҳокимият халқ кардаасту нажоди дигар – нажоди омиро ба тадриҷан нест шудан аз арсаи таърихи башар маҳкум намудааст, ба қуттии ахлот бурда партоем. Фақат тартиботи давлатдории мо барин тартиботе, ки аз уҳдаи ягон иқдоми эҷодию оқилона баромада наметавонад, тавонистааст, ин гуна назарияро асоси сиёсати дохилии худ қарор диҳад ва ин гуна сиёсатро нисбат ба мардумони шарқӣ ва сибирӣ раво бинад. Мо шубҳае надорем, ки аҳолии шашмиллионнафараи кишвари Туркистон дар ҳаёти иқтисодии Россия ва дигар мамлакатҳо мақоми намоёнеро хоҳад дошт, вале ин кор бо комёбии комил ба шарте ҷомаи амал мепӯшад, ки қобилияти меҳнат ва умуман фаъолияти иқтисодии аҳолӣ ба дараҷаи лозима баланд бардошта шавад, ин кор бошад, ба шарти озодии комили сиёсии ин халқи меҳнатдӯсту дилсоф қобили иҷро аст»[25].

Рӯзномаи «Самарқанд» навишта буд: «Замоне, ки ҳокимияти мутлақа бо тарғибу ташвиқи риёкоронаи одамбадбинӣ ва низои миллӣ тамоми мамлакатро пур аз накбат менамуд, пролетариати тамоми миллатҳо дар муборизаи зидди ҳукумати подшоҳӣ муттаҳид кардани муборизони ҳамаи миллатҳоро ягона роҳи халосӣ мешумурд»[26].

Ташкилоти сотсиал-демократии Туркистон даъватномаҳо, варақаҳо, хитобномаҳое, ки аз маркази Россия мегирифт, дар маҳалҳо бо усули гектограф нусхаи онҳоро зиёд мекарду интишор менамуд. 9 январи соли 1906 дар яксолагии «Якшанбеи хунин» дар кӯчаву паскӯчаҳо ва дару дарвозаҳои Ӯротеппа «Ба гражданҳои Ӯротеппа» ном хитобномае пайдо шуд, ки бо гектограф чоп карда буданд. Дар ин хитобнома шиорҳои «Нест бод ҳокимияти матруки мутлақа!», «Зинда бод Маҷлиси муассисон!» зикр шуда буд. Хитобнома хусусияти сирф револютсионӣ дошт. Дар байни аҳолии Ӯротеппа, ки шаҳри аз ҷиҳати саноат нисбатан суст тараққикардае буд, паҳн шудани ин гуна хитобнома шаҳодат медод, ки ташкилоти револютсионии пинҳонкор дар арафа ва дар давраи Револютсияи Якуми Рус дар бобати ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии аҳолии маҳаллӣ таъсири калон дошт[27].

Бо мақсади муттаҳид кардани ҳамаи ташкилотҳои партиявии Туркистон дар моҳи феврали соли 1906 якумин Конференсияи ташкилотҳои сотсиал-демократии Туркистон даъват карда шуда буд. Конференсияи мазкур дар

---

[25] Рӯзномаи «Русский Туркестан», 6 декабри соли 1905. Иқтибос аз китоби Пясковский А.В., 1958, с. 486.
[26] Рӯзномаи «Самарқанд», 8 июли соли 1906. Иқтибос аз китоби Раҷабов З.Ш., 1970, с. 68-69.
[27] Мухторов А., 1969, с. 62.

хусуси ташкил додани Иттифоқи ташкилотҳои туркистонии партияи сотсиал-демократии Россия қарор мебарорад. Инчунин дар бобати вусъат додани кори байни пролетариати миллии маҳаллӣ қарор қабул карда мешавад.

Дар моҳи сентябри соли 1906 конференсияи дувуми ташкилотҳои туркистонии сотсиал-демократҳо дубора ба ин масъала таваққуф карда, бори дигар зарурати пурзӯр кардани муборизаи револютсиониро дар байни меҳнаткашони маҳаллӣ таъкид намуд. Ин мавқеи болшевикон шаҳодат медод, ки онҳо ба муборизаи зидди ҳукумати подшоҳӣ сафарбар кардани меҳнаткашони тоҷик, ӯзбек, туркман, қирғиз ва дигаронро нағз мефаҳмиданд. Ташкилоти партиявии Самарқанд аз рӯйи қарордодҳои мазкур амал карда, бо меҳнаткашони миллати маҳаллӣ алоқаи зич барқарор менамояд.

19 октябри соли 1905 таҳти раёсати болшевик Морозов маҷлиси калон барпо мегардад. Коргарони маҳаллӣ на фақат дар маҷлис ҳозир буданд, балки дар он фаъолона иштирок мекарданд. Дар резолютсияе, ки маҷлис қабул карда буд, чунин гуфта мешавад: «Маҷлис аз рӯйи изҳороти коргарони ҳозирбудаи сартҳо (он вақт ӯзбеку тоҷиконро ҳамин тавр меномиданд–Б.F.) қарор дод, ки талаботи иқтисодии мардуми маҳаллиро дастгирӣ кунад ва ҳамаи он фирмаҳоеро, ки меҳнати мардуми маҳаллиро истисмор карда меоянд, сахт мазаммат мекунад».

Таъсири болшевикон ба коргарони маҳаллӣ чунон зӯр буд, ки аксар вақт корпартоиҳо характери револютсионӣ, сиёсӣ доштанд. Соли 1905 дар Осиёи Миёна ҳатто «Иттифоқи роҳиоҳанчиён» таъсис ёфта буд, ки кори Шӯроҳои депутатҳои коргаронро иҷро мекард. Дар байни аскарон ҳам ошӯб мехест. Чунончи, 25–27 декабри соли 1905 дар Хуҷанд дар ротаи понтонии туркистонӣ шӯриши револютсионӣ сар зада буд. Шӯриш бераҳмона пахш гардид. 26 нафар аскарони ротаи понтонӣ ба ҳабс гирифта, 7 нафарашон бадарға карда шуданд.[28] Аз рӯйи маълумоти архив, дар ноябри соли 1905 дар 9 заводи пахтатозакунии Бухорои Нав корпартоӣ шуда, соли 1906 шӯриши яроқноки роҳиоҳанчиён ба амал омадааст.

Таъсири болшевикон на ин ки ба коргарону аскарон, балки ба дигар табақаҳои аҳолии маҳаллӣ мегузашт. Масалан, косибони Самарқанд аз додани андоз сар кашиданд, дар Ӯротеппа деҳқонон андози заминро супурдан нахостанд. Генерал-губернатори Туркистон Сахаров 10 октябри соли 1905 ба Трепов хабар дода буд, ки эҳтимол шӯриши мусаллаҳ бархезад. Граф Витте дар телеграммаи рамзӣ ба генерал-губернатор 25 декабри соли 1905 чунин навишта буд: «ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ба кишвари дар ихтиёри шумо будагӣ ҳолати ҳарбӣ ҷорӣ карда, ба корпартоён ва револютсионерон қатъиян хотима диҳед, вагарна кор ба ҷое мерасад, ки мо дар байни мардуми маҳаллӣ ҳама гуна нуфузу эътибори худро гум карда, ба шӯриш замина тайёр мекунем».

Губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд ба генерал-губернатори Туркистон дар моҳи декабри соли 1905 ба ин мазмун хабари хавотирангез дода буд: «Дар он қисмати Самарқанд, ки мардуми маҳаллӣ менишинад, мубаллиғон халқро ёд медиҳанд, ки андоз ва дигар хироҷҳоро насупоранд. Дар натиҷа ин ба ҷамъ шудани андозу хироҷ аз аҳолии уезду шаҳрҳо хеле таъсир мерасонад». Дар ҳақиқат, боқимондаҳои андозу хироҷ дар уезди Хуҷанд ба 355 ҳазор сӯми тилло, дар Самарқанд ба 155 ҳазор сӯм расида буданд.

---

[28] Раҷабов З., 1970, с. 97-98.

Ошӯбҳои деҳқонон дар ҳама ҷо ба амал меомаданд. Сардори уезди Хуҷанд навишта буд, ки тирамоҳи соли 1905 тамоми аҳолии уезд аз адои ҳама гуна андозу хироҷ «ҳам давлатию ҳам иҷтимоӣ» бо исрор саркашӣ карданд. Масалан, вай деҳаи Ғончиро мисол меоварад, ки аз аҳолии он ҷо аз нимаи дувуми соли 1905 сар карда то июли 1906 «ягон андозе ҷамъ кардан мумкин нашуд», чунки деҳқонон ба қавли сардори уезд, «як навъ муқобилати ғайрифаъолонаи дурудароз» нишон додаанд. Зимнан, кор фақат «бо муқобилати ғайрифаъолона» анҷом намеёфт. Дар баъзе ҷойҳо деҳқонон аз ҷонашон сер шуда, ба ҳукуматдорони подшоҳӣ рӯирост муқобилат мекарданд. 29 марти соли 1906 дар қишлоқи Чоркӯҳи вулуси Исфара воқеаи тезутунде рӯй медиҳад. Ёрдамчии сардори уезди Хӯқанд капитан Румянсев бо ҳамроҳии қариб даҳ нафар амалдорон барои яктарафа кардани ҷанҷоли обёрӣ ба он ҷо меравад. Дар вақти ба вулуси ҳамсоя як қисми обро сар додани шудани амалдорони подшоҳӣ гурӯҳи калони деҳқононе, ки бо сангу таёқ мусаллаҳ буданд, онҳоро фавран миёнагир мекунанд. Аз байни издиҳом нидоҳои: «Онҳоро сангсор кунед!», «Занед онҳоро!» баланд мешавад. Баъзе аз амалдоронро аз болои асп гирифта партофта, беяроқ мекунанд. Баъд дар худи ҳамон ҷо ҷамъомади деҳқонон барпо шуда, оқсаққоли қишлоқро, ки мардум бисёр бад медид, иваз мекунанд ва аз ёрдамчии уезд талаб мекунанд, ки фармонро дар бораи тасдиқ намудани оқсаққоли нав фавран имзо кунад. Румянсевро ғайр аз ризоият чораи дигар набуд. Оқсаққоли нав ҳамон дам ба иҷрои кори худ шурӯъ мекунад.[29] Айнан ҳамин гуна воқеа дар деҳаи Қӯштегирмони вулуси Нов рӯй дод. Ба он ҷо ҳам барои ҳалли ҷанҷоли об бо як гурӯҳ одамонаш пристави Исфону штабс-капитан Артсишевский омад. Мисли Чоркӯҳ дар ин ҷо ҳам онҳоро деҳқонони бисёр (зиёда аз 150 нафар) пешвоз гирифтанд, ки аз бедодии маъмурият ба дод омада буданд. Вақте бо фармони Артсишевский обро бастанд, мардум якбора дарафтода, худашон обро кушоданд, худи Артсишевскийро қариб зада чаппа карда буданд, штабс-капитан маҷбур шуд, ки одамонашро гирифта гурезад.

Мо фақат ду мисол овардем, ки ба ҳама ҷо хос буд. Саҳифаҳои матбуоти он солҳо, даҳҳо ҷилд материалҳои архив пур аз тасвири шӯру ошӯбҳои деҳқонон мебошад, ки шаклу вусъати гуногун доштанд. Худ аз худ маълум аст, ки амалдорони подшоҳӣ асли воқеаро ба ҳар роҳ таҳриф менамуданд, хусусияти иҷтимоӣ доштани он шӯру ошӯбҳоро рӯйпӯш мекарданд. Аз иттиҳоди ҳаракати револютсионии табақаи пешқадами русҳои кишвар ва мубoризаи озодихоҳонаи аҳолии маҳаллӣ, ки болшевикон маҳз барои амалӣ шудани ҳамин гуна омилҳо исроркорона муборизa мебурданд, амалдорони подшоҳӣ мурданивор метарсиданд.

Яке аз шаклҳои ошӯбҳои деҳқонон ба бойҳои маҳаллӣ ва маъмурии подшоҳӣ ҳамла овардан буд. Статистикаи расмӣ ин гуна ошӯбҳоро «ҳамлаоварии ғоратгарона» ҳисоб мекард, вале дар асл ҳама вақт дар паси таъбири «ҳамлаовариҳои ғоратгарона» золимону истисморкунандагони худро ҷазо додани деҳқонони камбағал пинҳон дошта мешуд.

Статистикаи ин гуна «ҳамлаовариҳо» аз рӯйи «Маҷмӯаи гузоришоти воқеаҳо», ки идораи вилоятии Самарқанд тартиб дода буд, чунин аст:

Солҳои 1900–1904 – 131 бор ҳамла.

Солҳои 1905–1909 – 359 бор ҳамла.

[29] Дар бораи шӯришҳои револютсионии меҳнаткашони уезди Хуҷанд ниг.- Қосимов Н., 1968, с. 121–126 ва ғ.

Чунонки дида мешавад, ба муносибати револютсияи соли 1905 дар кишвари Туркистон миқдори «ҳамлаовариҳои ғоратгарона» афзудаанд. Дар байни иштироккунандагони онҳо шахсони шуҷое низ буданд, ки бо корномаҳои худ шуҳрат ёфтаанд. Яке аз ин қабил шахсони номвар Намоз Пиримқулов ном деҳқони камбағале буд, ки ба дастаи деҳқонони Самарқанд роҳбарӣ кардааст. Ёрдамчии губернатори ҳарбии Самарқанд дар бораи ин одам ба сардори худ чунин менависад: «Намоз дар байни мардуми камбағал бисёр ном баровардааст. Барои хизмати одамон саховатмандона ҳақ медиҳад, танҳо бойҳоро ғорат мекунаду ба камбағалон бо пул, ғалла, тухмӣ барои кишт ва ғайра ҳар гоҳ ёрдам карда меистад»[30].

Намоз ба дастгирию ҳамкории камбағалони деҳот такя мекард. Маҳз отряди вай аз ҷумлаи камбағалони деҳот пур мешуд, маҳз камбағалони деҳот ба вай мадад мекарданд, ки аз таъқиби ҳукуматдорон халос шавад. Аз архив ҳуҷҷате ёфт шуд, ки онро яке аз намояндагони маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ тартиб дода будааст. Ин намоянда ин тавр менависад: «Мардуми уезд ба ҳеҷ ваҷҳ ягон дарак намедиҳанд, ҳеҷ кас, ҳатто подабонҳо ҳам, намегӯянд, ки даста аз куҷо гузашт, ба куҷо рафт, ҷавоби ҳама як хел: ҳеҷ чизро надидаам, ҳеҷ чизро намедонам. Аз чор се қисми одамони маъмурияти маҳаллӣ тарафдори Намоз; роҳбарони даста дар ҳамсоягии онҳо зиндагӣ мекунанду вале онҳо ягон хабар намедиҳанд. Ҷавоби аксари онҳо ҳам як хел: ҳеҷ чизро намедонам»[31]. Амалиёти ғаюронаву далеронаи шӯришгарони Намоз Пиримқулов то дар Туркистон андак паст шудани мавҷи ҳаракати револютсионӣ давом дошт. Фақат дар нимаи дувуми соли 1908 ҳукуматдорони подшоҳӣ эълон карданд, ки ин ҳаракат қатъ шудааст, ҳол он ки сарвари ҷасуру шуҷои ин ҳаракат Намоз Пиримқулов ҳанӯз моҳи июни соли 1907 ҳалок шуда буд.

Дар ин мобайн дар охири соли 1915 дар саросари Туркистон оташи инқилоб аланга мезад. Пас аз корпартоии умумии сиёсӣ октябри ҳамон сол дар қалъаи Тошканд шӯриши мусаллаҳ сар зад ва моҳҳои ноябр-декабр боз корпартоии умумии сиёсӣ авҷ гирифт. Дар ин корпартоӣ ҳам мақоми асосиро роҳиоҳанчиён доштанд, аз ҷумла комитети корпартоии стансияи Черняево, ки қисми зиёди ҳаракат дар роҳҳои оҳани Осиёи Миёна дар зери назорати он буд, хеле хизмат кард.

## Ривоҷи минбаъдаи ҳодисаҳои револютсионӣ

Дар ин давра рӯзномаи «Самарқанд», ки ба он болшевикони дар боло номбурда М.В.Морозов ва П.В.Позняков (сонитар М.В.Морозов ба Тошканд кӯчида омад) роҳбарӣ мекарданд, тарғиботу ташвиқоти револютсиониро махсусан авҷ гиронд. Болшевикони Самарқанд ҳам мисли сотсиал-демократҳои дигар шаҳрҳои кишвари Туркистон дар байни мардум ташвиқоту тарғиботи револютсиониро васеъ идома медоданд, варақаву хитобномаву муроҷиатномаҳо навишта паҳн мекарданд, дар митингу намоишҳои халқӣ нутқҳо эрод менамуданд ва ширкат меварзиданд.

Шикасти шӯриши мусаллаҳи декабрӣ дар ноҳияҳои маркази Россия, чи тавре маълум аст, боиси тадриҷан ақибравии револютсия гардид. Моҳҳои

[30] ЦГА Узб. ССР, И-1, оп. 35, д. 244, лл. 2-3.
[31] ЦГА Узб. ССР, И-18, оп. 2, д. 34, лл. 14-15.

аввали соли 1906 дар Туркистон ҳам қувваҳои иртиҷоъ тадриҷан ба ҳуҷум гузаштанд. Кишвар аз аскару казаку политсайҳо моломол шуд. Кушокушию дастгириҳову ҳабскуниҳову таъқибу таъзиру кофтуковҳову бадарғакуниҳо, судкуниҳо ниҳоят бисёр шуд. Нукарони бенӯхтаи ҳукумати подшоҳӣ органҳои матбуоти тараққипарварро мебастанд, нашри рӯзномаву маҷаллаҳои револютсиониро манъ мекарданд. Позняков, Морозов ва дигар муборизони фидокори роҳи озодии халқ маҳкум гардида, дар қалъа ҳабс карда шуданд. Вале ба ҳамаи ин бедодиҳо нигоҳ накарда болшевикони Туркистон ба меҳнаткашони кишвар ҷасурона муроҷиат мекарданд, ки рӯҳафтода нашаванд, ба воҳима наафтанд. «Кори мо ҳам омад мекунад – менавиштанд онҳо дар варақаҳо,– ва ба он рӯз тайёрӣ дидан даркор!».

Моҳи майи соли 1906 дар кишвар оташи ҳаракати револютсионӣ боз аланга зад. Коргарони корхонаҳои таъмири роҳи оҳан дар Тошканд расо як моҳ корро партофтанду онҳоро тамоми қувваҳои демократии кишвар дастгирӣ намуданд ва оқибат коргарон ғалаба карданд. Сарвари ин корпартоӣ болшевикон буданд. Тобистони ҳамон сол дар байни қӯшунҳои Округи ҳарбии Туркистон ҳам чанд шӯру ошӯбҳо шуданд. Дар деҳот ҳам деҳқонон бештар ба ҷунбиш меомаданд.

Эҳтимоли такрори соли 1905 маъмурияти подшоҳиро ба воҳима меандохт. Генерал-губернатори Туркистон Д.И.Суботич, ки нисбатан нав ба кор таъйин шуда буду зоҳиран гӯё андак озодибозӣ мекард, фавран маъзул гардид. Ба ҷояш генерал Матсиевский таъйин шуд, ки одами бераҳму бешафқати золиму тарроре буд. Ин генерал тамоми ҳаёти сиёсии Туркистонро зери назорати сахт гирифт. Тамоми кишвар ба қитъаҳо (қад-қади роҳи оҳани Осиёи Миёна) тақсим карда шуд, дар сари ҳар як қитъа махсус «генерал-губернатори муваққатӣ» меистод, ки дар масъалаи таъқибу таъзиру ҷазодиҳӣ ҳуқуқи бекарон дошт[32]. Шумораи қӯшунҳои «ба тахт содиқ зиёд карда шуда, амалиёти судҳои сайёри ҳарбӣ хеле авҷ гирифт. Намунаи ибрат барои тамоми маъмурони подшоҳӣ губернатори ҳарбии Фарғона – Покотило буд, ки матбуоти демократии он солҳо ба вай як лақаби аҷоиб «Хони зиреҳдори Фарғона» дода буд.

Дар кишвари Туркистон, ки аз давраҳои Кауфман умуман жандарм набуд, соли 1907 Шуъбаи ҳимояти ноҳиявии Туркистон таъсис ёфт. Зарбаи асосии ин нукарони подшоҳ ба сӯйи ташкилотҳои болшевикии сотсиал-демократӣ равона гардид. Эсерҳо ва меншевикҳо, ки дар бобати тарқиш ёфтани фронти қувваҳои револютсионӣ хеле ҷидду ҷаҳд карда буданд, барои ҳукумати подшоҳӣ хавфи казоӣ надоштанд, ба ин сабаб онҳоро сахт таъқибу таъзир ҳам накарданд.

Гарчанде дар ибтидои соли 1907 дар ҷойҳои «руснишини Осиёи Миёна алангаи револютсия нисбатан боло хест, вале ин болоравии револютсия, чунончи дар тамоми хоки империяи Россия, ба мавҷи наву тавонои пурвусъати револютсионӣ табдил наёфт. Равшан маълум буд, ки алангаи револютсия паст шуда истодааст. Вале, ба ҳар ҳол, ин револютсия барои пролетариат ва

---

[32] Ҷолиби диққат аст, ки ҳатто ҳамин Матсиевский барин золими гузаро ба назари ҳукумати подшоҳӣ на он қадар бераҳм намуд, ба ин сабаб дар ибтидои соли 1907 ӯро маҷбур карданд, ки истеъфо диҳад.

табақаҳои васеи демократии Туркистон таҷрибаи ниҳоят муфид гардид ва он барои сарнагун сохтани ҳокимияти мутлақа ва минбаъд, табаддулоти сотсиалистии соли 1917 тайёрии ниҳоят муҳим шуд.

Револютсияи солҳои 1905–1907-уми Туркистон ниҳоят возеҳу равшан нишон дод, ки байни пролетариати мубориз (асосан пролетариати рус) ва деҳқонони мубориз (асосан деҳқонони миллатҳои маҳаллӣ) иттиҳоди ниҳоят зич ҳатмист. Болшевикон мудом зарурати иртиботу илҳоқи муборизаи зиддиимпериалистии миллии озодихоҳӣ ва револютсияи зиддифеодалии буржуазии демократиро таъкид менамуданд ва ҳаёт комилан дуруст будани ин мавқеи болшевиконро исбот кард ва болшевикон ҳам дарвоқеъ барои татбиқи амалии ин нуктаҳои ленинӣ ҷидду ҷаҳди бемисле нишон доданд. Маҳз ба шарофати ана ҳамин ҷидду ҷаҳд на фақат меҳнаткашони бисёрмиллионнафараи Осиёи Миёна, балки меҳнаткашони шарқи хориҷа– Империяи Усмония, Хитой, Эрон, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳо ба револютсия ҷалб гардиданд, барои фаъолияти сиёсӣ «бедор» шуданд.

Аммо маълум, ки ҳодисаҳои пуртуғёни тӯфоннамои Туркистон аз ҳама бештар ба хоки ҳамсоя – ба аморати Бухоро асар кард. Хабари револютсияи рус ба тамоми шаҳру деҳоти аморат роҳ меёфт. Ин хабарҳо дар ин ҷо заминаи мусоид меёфтанд ва авзои бе ин ҳам шадиди ин мулки феодалиро шадидтар мекарданд. Мардуми зору ҳақиру помолу абгори Бухоро бағоят суст ба ҷунбиш меомад, кӯркӯрона амал мекард, вале ҳамин ки ба ҳаракат омад, пеши роҳи вайро гирифтан кори осон набуд. Байни аҳолии кишвари Туркистон ва аморати Бухоро алоқаи мустаҳкам буд. Дар айни авҷи шӯру ошӯбҳои кишвари Туркистон гумоштаи сиёсии ҳукумати подшоҳӣ дар Бухоро ба губернатори ҳарбии вилояти Сирдарё 27 июли соли 1906 ҳаросон навишта буд: «Мувофиқи баъзе овозаҳое, ки то ба мо расид, сартҳои Самарқанду Фарғонаву Тошканд аз Бухоро таппончаву милтиқ харида, гирифта мерафтаанд. Дар Самарқанд ҳавлие набудааст, ки милтиқу таппонча надошта бошад».

Ба андозаи ба гӯши оммаи деҳқонону косибони аморат расидани хабарҳои муборизаи қатъии қувваҳои тараққипарвари Туркистон зидди мутлақияти подшоҳӣ, деҳқонону косибон ҳам зидди ҳукуматдорони феодалии худ фаъолтару қатъитар ба по мехестанд. «Аз соли 1907, – навишта буд Д.Н.Логофет, – дар аморати Бухоро дар байни аҳолӣ ҷунбишу изтироби номуайяне мушоҳида карда мешуд... дар аснои андозғундорӣ задухӯрдҳои майда бағоят тез-тез рӯй медодагӣ шуда, қариб ба ҳодисаи доимӣ мубаддал гардида буд... Мо дар қишлоқи дурдасти Бухорои шарқӣ нишаста будем ва аз бисёр одамон хабарҳои гуногуни тоза мешунидем. Онҳо гоҳ мегуфтанд, ки дар бекии Ҳисор талотӯб хеста, амлокдорро дошта задаанд, гоҳо аз ҷое овоза пайдо мешуд, ки дар Деҳнав мардум ҷазои закотчиро додааст. Норозигии номуайян аз бекҳо ба шикваю шикоятҳои бешуморе аз амалдорони хурд табдил меёфт, ки охири охирон одамон дар хусуси имкони сар шудани шӯриш дар давлати хонӣ гап мезадагӣ шуданд»[33]. Дарвоқеъ, соли 1905 ва соли 1908 садҳо нафар аҳолии Ҳойит ва Қалъаи Лабиоб зидди шаҳои Қаротегин рӯирост

[33] Логофет Д.Н., 1911, ҷ. II, с. 264.

ошӯб бардоштанд[34]. Тирамоҳи соли 1907 дар Ҳисор мардум ба шӯр омад. 8 сентябри ҳамон сол шаҳри Қаротоғ аз зилзилаи сахт вайрон шуд, вале дастаи ҳарису ноодами беку бойҳову амалдорон ба ҷойи мадад ба офатзадагон худашон чизу ҷораи ночизи мурдагону маҷрӯҳонро талаву тороҷ карданд.

Соли 1908 аҳолии қишлоқи Ғузни қитъаи Мастчоҳ ва деҳаи Қароянтоқи қитъаи Ӯротеппаи вилояти Самарқанд бедодию ҳаромкорию дуздии намояндагони маъмурияти подшоҳиро дида бо сангу калтак ба онҳо дарафтоданд. Албатта, ин гуна шӯру ошӯбҳои зиддиҳукуматии тоҷикони кишвари Туркистон ба тоҷикони аморати Бухоро ҳам, бешубҳа, таъсир расонда, онҳоро ба мубориза сафарбар менамуд. Моҳи феврали соли 1910 мардуми Кӯлоб шӯриш бардошт. Сабаби шӯриш толону тороҷи амлокдорону закотчиҳои бек Муллоаҳмад-бий буд. Бек ва муқаррабони вай аз ҳисоби деҳқонони бенаво давлату сарвати беҳад ҷамъ карданд ва асосан аз фарқи он нархи ғалла истифода мебурданд, ки байни нархи бозори маҳаллӣ ва нархи ғалла дар вақти андозу ҳосилғундорӣ вуҷуд дошт.

Аҳолӣ ба муборизаи қатъии зидди феодалони истисморгар тайёрӣ медид. Амир ин авзои Кӯлобро шунида ба он ҷо яке аз муқаррабони маккору фиребгари худ – Девонбегиро равон кард. Муллоаҳмад-бий бошад, дар навбати худ ба посбонгоҳи наздиктарини сарҳадчиёни рус, ба сардори дастаи сарҳадчиён полковник Гайдебуров қосид фиристода мадад пурсид. Девонбегӣ пеш аз қӯшунҳои русҳо расида омаду чанд тадбир андешид. Пеш аз ҳама аз номи издиҳоми панҷсаднафараи мардум аризае қабул кард ва бекро аз мансабаш азл намуд. Баъди ин қӯшунҳои рус ҳам расида омаданд, вале молу мулки тороҷкардаи бек дар дасти худаш монду ҳатто гапи гашта додани он набаромад ва шӯриш ҳам пахш карда шуд.[35] Ин шӯру ошӯбҳои мардуми Бухорои шарқӣ далолат менамоянд, ки дар шуури сиёсии аҳолии маҳаллӣ дигаргуниҳо шудааст, шуурнокии синфии онҳо хеле такмил ёфтааст ва нисбат ба тарзи тороҷи феодалӣ, ки дар хоки аморат ҷараён дошт, муқобилату норозигӣ рӯз ба рӯз меафзояд.

Ба ҳамин тариқ, қисми пешқадами меҳнаткашони тоҷик дар шаҳру деҳот таҳти таъсири револютсияи рус ба амалиёти фаъолонаи сиёсӣ омода шуд. На ҷорӣ кардани ҳолати ҳарбӣ, на ҷазодиҳиҳо оташи муборизаи револютсионии меҳнаткашонро фурӯ нишонда наметавонистанд, ки он баъдтар дар зери байрақҳои Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр бо қувваи нави зафаровар авҷ гирифт.

[34] Маҷлисов А., 1967, с. 302–303; дар бораи Қаротегин умуман ниг.: тадқиқоти муфассали Кисляков Н.А., 1954.
[35] Стеценко И.А., 1963, с.126-127.

# БОБИ ЧОРУМ

# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ АЗ СОЛИ 1908 ТО СОЛИ 1917

## 1. РЕВОЛЮТСИЯИ ФЕВРАЛИИ СОЛИ 1917

### Вазъияти кишвари Туркистон ва аморати Бухоро баъд аз револютсияи солҳои 1905–1907 ва то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ

Ба ҳукуматдорони подшоҳӣ муяссар гардид, ки муваққатан ғолиб омада, аввалин револютсияи русро буғӣ кунанд. Аммо онҳо зиддиятҳои оштинопазиреро, ки пояи империяи калони подшоҳиро суст мекарданд, ҳеҷ бартараф карда наметавонистанд. Ин зиддиятҳо бағоят тезутунд гашта, боиси хуруҷи нави револютсионӣ гаштанд. Соли 1910, чун дар Россия, дар Осиёи Миёна ҳам мавҷи муборизаи синфӣ боло хест. Масалан, худи ҳамон сол дар вулуси Конибодом коргарони кони нефти «САНТО» корпартоӣ карданд. Муборизаи муттафиқу муташаккили коргарон маъмуриятро маҷбур сохт, ки ба талаби коргарон розӣ шавад, дар натиҷа музди кор зиёд ва муддати он кӯтоҳ карда шуд. Худи ҳамон сол ангиштканони Сулукта корпартоӣ карданд ва ба онҳо коргарону хизматчиёни стансияи Драгомирово ҳамроҳ шуданд (дар ин ҷо корхонаҳои таъмири конҳои Сулукта ва маъмурияти кон ҷойгир буд; ҳозир ин ҷо посёлкаи Пролетар). Шӯру ошӯбҳои деҳқонон ҳам авҷ гирифт. Соли 1912 дар вулуси Нов деҳқонони қарздор ба ҳавлии судхӯри калон ҳамла карда васиқаҳои қарзро сӯхта партофтанд[1].

Меҳнаткашони аморати Бухоро, ки аз зулму асорати гӯшношуниди бойҳои маҳаллӣ ба танг омада буданду ин бойҳоро ҳукуматдорони Петербург дастгирӣ мекарданд, махсусан бо қаҳру ғазаб шӯру ошӯб бардоштанд. Ин шӯру ошӯбҳо ба дараҷае вусъат ёфтанд, ки ҳукуматдорони империяи Россия ҳам ба воҳима афтоданд. Кор ба ҷое расид, ки «масъалаи Бухоро» ва роҳҳои «танзими» он (маълум, ки бо таъбири амалдорони подшоҳ) мавриди ташвишу тараддуди зиёд ва муҳокимаи махсуси амалдорони олимартаба қарор ёфт.

Соли 1909 нашр шудани «Кишвари беҳуқуқӣ. Аморати Бухоро ва авзои имрӯзаи он» ном китоби Д.Н.Логофет ба ин моҷаро таконе гардид. Муаллифи ин китоб чанд сол дар Осиёи Миёна зиндагӣ карда буд. Дар байни дараҷоти мансабҳои маҳаллӣ мартабаи баланд ҳам дошт– сардори идораи Округи гумрукии Туркистон буд. Логофет чизи навиштаашро нағз мефаҳмид ва

[1] Каримов Т.Р., 1966, с. 86–87

ҳукуматдорон ҳам ҳеҷ баҳонае надоштанд, ки ӯро дар «тарғиботи револютсионӣ» муттаҳам намоянд. Аслашро гирем, мавқеи Логофетро мавқеи ҳамдардию ғамхорӣ нисбат ба меҳнаткашони тоҷику ӯзбек гуфтан ҳам ҳеҷ мумкин набуд. Логофет фақат ғами ҳаминро мехӯрд, ки обрӯю эътибори ҳамон тартиботи маъмурию сиёсӣ, ки ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ҷорӣ карда буд, паст нашавад. Вале дарвоқеъ, «Кишвари беҳуқуқӣ» ин ҳукми сахтест ба тамоми он худсарию бедодиҳои феодалӣ, ки дар аморати Бухоро ҳукмфармо буданд ва онҳоро табақаҳои ҳарбию феодалии Россия бевосита дастгирӣ мекарданд. Корманди дар ихтиёри генерал-губернатор буда – генерал-майор Дрягин дар бораи ин китоб ба генерал-губернатори Туркистон маърӯзае ирсол намуда навишта буд, ки «ин китоб аз бедодиҳои дохилии Бухоро, аз худсариҳову бемаззагиҳои маъмурони Бухоро, ки барои кирдори худ ҳеҷ гуна ҷазое намебинанд, сухан меронад»[2].

Д.Н.Логофет менависад, ки тамоми амалдорону маъмурони амир қариб 50 ҳазор нафар мебошанд (ба ин ҳисоб сарбозон дохил не) ва ҳеҷ кадоми онҳо аз ҳукумат маош нагирифта, фақат аз ҳисоби толону тороҷи аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Амир ба баъзе одамон оила-оила одамонро пешкаш намуда, қариб ба ғуломӣ медиҳад ва иҷозат ҳам медиҳад, ки сеяки даромади он оилаҳо кашида гирифта шавад. Барои адои қарзу ҷарима савдои музоядаро бисёр истифода мебаранд ва баъзан дар баробари молу мулк зану фарзанди қарздорро ҳам ба фурӯш мемонанд. Боварии кас намеояд, ки дар асри XX, дар он сарзамине, ки таҳти «васояти» империяи Россия мебошад... ғуломдорӣ ҳасту ривоҷ дорад. Ҳукумати амир миқдори андозу хироҷро торафт зиёд мекунаду барои эҳтиёҷи мамлакат як пули сиёҳро дареғ медорад ва асосан пулро барои таъмини лашкар сарф мекунад, зеро он барои андозу хироҷҷамъкунӣ даркор мешавад. Аммо пулҳои ниҳоят калон зери пардаи «туҳфа»-ю «пешкаш»-ҳо барои ришваи амалдорони маъмурияти генерал-губернатории Туркистон ва калонони Петербург сарф мешавад. Расман даромади Бухоро 2,5 млн. сӯм аст, ки 1,5 миллиони он барои лашкар, 900 ҳазораш барои амир ва 100 ҳазораш барои қозиву муллоҳо харҷ мегардад. Вале аслан, мегӯяд Логофет, аз мардум соле 18 млн. сӯм пул ситонда мешавад, ки ҳамаи онро худи амир ва нукарони калону хурди вай – қушбегию парвоначию беку амлокдор ва ғайраву ва ҳоказои вай нӯши ҷон мекунанд. Логофет гапашро давом дода мегӯяд, ки мардум ба ҳадди қашшоқию бенавоӣ расидааcту рӯзи сериро намебинад ва ба мурданаш кам мондааст, бинобар ин таклиф мекунад, ки филҳол ба ҷойи тартиботи маҳаллии маъмурӣ тартиботи умумироссиягиро ҷорӣ карда, амирро фақат ҳамчун намояндае мондан даркор.

Вазъияти шадиди аморати Бухоро, ки эҳтимоли таркиданаш дур набуд, дар Тошканд дар маҷлиси махсуси машваратӣ муҳокима карда шуд, ки дар он генерал-губернатори Туркистон – Мишенко, ёрдамчии вай – Кондратович, сардори штаби Округи ҳарбии Туркистон – Рихтер, гумоштаи сиёсии Россия дар Бухоро – Лютш ва дигарон иштирок доштанд. Масъалаи якум, ки диққати ҳамаро ҷалб карда, ниҳоят кушоду равшану луччаку пӯстканда таъбир карда шуд, ин тавр буд: «Дар бораи ба гардани аҳолии аморати Бухоро беҳад зиёд бор шудани андозҳо, ки ба туфайли ниҳоятдараҷа бевиҷдон будани

[2] ЦГА Узб. ССР, И-18, оп. 2, д. 251, л. I

ҳукуматдорони маҳаллӣ ба аҳолии аморати Бухоро бағоят гарон меафтаду миёншикан аст». Акнун инаш иддаои кадом як «нависандаи бенӯхта» набуд, ки китобаш ба ходимони давлатӣ маъқул нашуд. Инаш акнун муҳокимаи махсусу расмии пӯшидаи масъала буд, ки дар айни он фикру ақидаҳои расмӣ ба таври кушоду равшан изҳор гардиданд ва минбаъд дар мактуби комилан махфии генерал-губернатор, ки ба вазири ҳарбӣ ирсол дошта буд, зикр ҳам ёфтанд. Хӯш, ин шӯрои олии мансабдорони олимартабаи Туркистон чиҳо гуфт? Иқрори онҳо ба дараҷае аҷиб аст, ки барои зикри онҳо мақоми муносиб додан даркор. Дар шартномаҳои солҳои 1868 ва 1873-юми байни Россия ва Бухоро моддаҳое низ буданд, ки мувофиқи онҳо амир бояд ғуломдорӣ ва ғуломфурӯширо бекор мекард, вале дар ин бобат дар Бухоро ҳеҷ кор карда нашуд. «Ба шарофати ҳокимияти русҳо ҳокимони Бухоро хеле бурд карданд, зеро пештар воҳимаи ҳуҷуми душманони берунӣ онҳоро маҷбур менамуд, ки ба ин ё он роҳ лутфу садоқати табааи худро ба даст оваранд ва бедодию худсарии бекҳову амлокдоронро камтар кунанд. Акнун бошад, амир тамоман ба умеди ҳимояти сарнайзаҳои русҳо мебошад ва парвои кору бори мамлакатро надорад...».

Албатта, ҳозирон ҳама мағз андар мағз подшоҳпараст буданд, ба ин сабаб имони комил доштанд, ки сабаби бадбахтии халқи тоҷик ва дигар халқҳои аморати Бухоро фақат «парвои кору бори мамлакатро надоштани амир» аст. Сарфи назар ба ин, онҳо маҷбур шуданд иқрор намоянд, ки мардум «батамом ба ихтиёри маъмурони ҳарис партофта шудааст, ба маорифи халқ касе аҳамият намедиҳад, роҳҳову пулҳо... ҳама фатарот шудаанд, нархи чизҳои зарурӣ ба касофати хироҷҳои бешумор ниҳоят баланд мебошанд ва мардум рӯз ба рӯз бенавотар мешавад».

Масъалаи даромади амир ҳам диққати ҳамаро ҷалб кард. Гумоштаи сиёсии Россия дар Бухоро таъкидан гуфт, ки маблағи даромади амирро махфӣ нигоҳ медоранд, вале мувофиқи «гуфтаи баъзе одамон» ин даромад соле ба 7.350 ҳазор сӯм мерасидааст. Дар матни қарори маҷлиси машваратӣ чунин як таъбири такдор ба назар мерасад: «Агар фарз кунем, ки амир аз замин ба ҳисоби миёна соле 5 млн. сӯм меғундорад, ҳамин маблағ ҳам аз маблағе, ки тамоми аҳолии маҳаллии кишвари Туркистон медиҳаду илова бар ин нисбат ба аҳолии Бухоро шумораашон ду маротиба бештар аст, чор маротиба зиёдтар мебошад». Агар ҳаминро ба назар гирем, ки нукарони ҳукумати подшоҳӣ меҳнаткашони Туркистонро чанд қабат пӯст меканданд, пас тасаввур кардан муҳол аст, ки аҳволи табааи «аълоҳазрат амири Бухоро» то ба кадом дараҷа табоҳ буд.

Агар ба умеди он шавем, ки генерал-губернатору муқаррабони вай ҷиддан дар ғами ислоҳи вазъият мешаванд, сахт саҳв хоҳем кард. Дарвоқеъ, ин калоншавандаҳо бедодию худсарии ваҳшиёнаи ҳукуматдорони Бухороро таъкид намуда, ғуломвор мутеъ будани халқро изҳор дошта, ба чунин қарор омаданд, ки... ба гумоштаи сиёсии дар Бухоро буда, супурда шавад, ки дар бораи иқтисод ва андозҳои маҳаллӣ чунин маълумотҳоро гирд оварад[3]. Иттиҳоди синфии истисморгарони мухталифу гуногунмиллати империяи

[3] ЦГА Узб. ССР, И. 2, д. 251, лл. 65–68

Россия, ки зидди истисморшавандагон равона шудааст, ана ҳамин тавр кушоду равшан зоҳир шуд.

Пас аз якчанд моҳ, тирамоҳи соли 1909 дар Тошканд барои муҳокимаи вазъияти Бухоро боз ҷамъомаде баргузор гардид ва иштирокчиёни он ҳам хеле гап доданд, ки «дар аморат дигаргуниҳо мувофиқи мақсад мебуд», пас аз ин масъаларо ба ихтиёри Маҷлиси махсуси машваратӣ оид ба вазъияти Бухоро ҳавола карданд, ки он дар Петербург 28 январи соли 1910 шуда гузашт. Аз дараҷаи эътибори ин маҷлис ҳайати иштирокчиёни он шаҳодат медиҳад. Маҷлиси машваратӣ дар таҳти раёсати раиси Совети вазирон ва вазири корҳои дохилии Россияи подшоҳӣ – Столипин мегузашт, дар он вазири молия Коковсев, вазири корҳои хориҷӣ Изволский, вазири ҳарбӣ Сухомлинов, сардори штаби генералӣ Гернгрос, ёрдамчии вазири корҳои хориҷӣ Сазонов, генерал-губернатори Туркистон Самсонов ва дигарон иштирок карданд. Инҳо хеле гапфурӯшӣ карданд, ки «ба сабаби дар кишвар набудани хоҷагии ботартиби пулӣ» ва набудани ёрии тиббӣ «аҳволи табааи Бухоро бениҳоят хароб аст», лашкари сершуморе вуҷуд дорад, ки барои таъмини он 1 млн. сӯм даркор ва ғайраву ва ҳоказо. Ба «гӯшаи дурдасти аморат» – ба Бухорои шарқӣ мароқи махсус зоҳир карда шуд, алалхусус, ки дар бораи ин ноҳия ҳукуматдорони подшоҳӣ хабари ночизе мегирифтанд. Ин маҷлиси машваратӣ ҳам ғайр аз бозори гапфурӯшӣ дигар чизе нашуд. Пеш аз ҳама сабаб ҳамин буд, ки иштирокчиёни маҷлисро ҳатто ба гӯшаи хаёлашон намеомад, ки бо чӣ роҳ «ба соҳибихтиёрии комили шоҳаншоҳ», яъне амир дахолат кардан мумкин будааст. Самсонов дар як шакли ҳаросону ларзони нодилона барои муҳокима таклифе пеш ниҳод, ки дар аморат баъзе дигаргуниҳо кардан даркор, вале фақат баъди ин ки ягон вақт аморат ба Россия ҳамроҳ карда шавад, вале ҳамин таклифи нимҷонро ҳам Столипин рад кард. Столипин қатъиян гуфт, ки «хомдаррон кардан лозим не... хусусан дар чунин замонаи нотинҷ, ки тамоми қувваи империя барои такмили дохилии мамлакат равона шудааст». Маълум, ки Столипин револютсияи солҳои 1905–1907-ро дар назар дошт, ки баъди он аппарати давлатии ҳукумати подшоҳӣ хеле вақт ба ифоқа омада натавонист. Самсонов боз аз номи маҷлиси машваратии Тошканд лоиҳаи ноқису думбурридаи баъзе ислоҳотро – дар Бухоро ҷорӣ кардани «бюҷети ботартиб», дигар кардани тартиби андозҳо, ё кам кардани лашкарро низ пеш ниҳод, вале ҳамаи онро аркони ҳукумат фавран рад карданд.

Намояндагони вазорати корҳои хориҷӣ бо дастгирии дигар иштирокчиёни маҷлис таъкидан гуфтанд, ки «ба ҳисобу китоби пули амир дахолат карда, аз вай тартиб додани ин ё он гуна бюҷетро талаб кардан ва ҳамчунин кам кардан шумораи лашкарро низ тақозо намудан, бешак, таҳрифи истиқлоли вай ва тақсири эътибори вай мебуд». Бинобар ҳамин ҷамъомади ин подшоҳпарастони гузаро чунин қарор баровард: «Масъалаи бюҷет, масъалаи лашкар, масъалаи тағйири тартиби андоз бардошта нашавад, роҳи ба мо мақбули беҳдошти вазъияти Бухороро муайян карда, онро рӯирост не, балки тадриҷан ба иззати нафси амир нарасида, номаълум ба вай фаҳмондан даркор ва ба худи вай имкон додан лозим, ки аз номи худаш ва бо роҳу усулҳои ба шароити маҳаллӣ мутобиқу муносиб он тадбирҳоро ба амал барорад». Маънои ин фақат ҳамин буд, ки лом нагуфта аз гуноҳи тамоми он селаи даррандагони Бухоро гузаштанд ва хунрезию кушокушиҳои онҳоро таҳсин гуфтанд.

Маҷлиси машваратӣ қобили қабул донист, ки «минбаъд он одати то ба ҳол дар Бухоро мавҷударо бояд бекор кард, ки мувофиқи он агар мансабдорони рус ин ё он кору вазифаи ба амир вобастаро иҷро намоянд, амир ҳатман ба онҳо тортуқ медиҳад» (аслан ин ришваю порадиҳии рӯирост буд, ки аз ҳисоби толону тороҷи меҳнаткашон карда мешуд) ва дар ин бобат як қарори муҷмал қабул ҳам карда, ба вазири ҳарбӣ супориш дода шуд, ки «инро мавриди назари марҳаматбори аълоҳазрат император созад, то роҷеъ ба ин, маншури муборake шавад, ки ба муассисаҳои мутааллиқ чун дастурамал ирсол гардад»[4].

Хуллас, тамоми амалдорони хурду калону пасту баланди подшоҳӣ аз худсарию бедодиҳои гӯшношунид, ваҳшиёна толону тороҷ шудани меҳнаткашон, ки дар аморати Бухоро ҳукм меронд, воқиф буданд, аммо ба меҳнаткашони бадбахти Бухоро (ва маълум, ки ҳам ба меҳнаткашони Осиёи Миёна ва умуман ҳам ба меҳнаткашони тамоми империяи Россия) дасти ёрӣ дароз намекарданд ва парвое надоштанд. Аҳволи мардум сол ба сол табоҳтар мешуд. Дар баробари ин даромади аппарати феодалию клерикалии амир сол ба сол меафзуд. Аз ҳисоби арақи ҷабину хуни меҳнаткашони тоҷику ӯзбек ва ғайра на фақат бойҳои Бухоро киса пур мекарданд, балки табақаҳои буржуазию помешикии Россия ҳам насибаи худро зада мегирифтанд. Дар ин бобат такопӯю даводавию ташвишу тараддудҳои аркони молия, соҳибони банку корхонаҳо ва умуман қаллобу каззобони олимансаб, ки бо дарбори худи подшоҳ қаробат доштанд, ҷолиби диққат аст.

Соли 1915 дар Бухоро ғайр аз шуъбаи Банки давлатӣ боз 7 шуъбаи банкҳои хусусӣ буд, ки ҳамаи онҳо бо сармояи хориҷӣ алоқаманд буданд. Ин банкҳо дар дасти концессионерҳои калон буданд ва онҳо бо иҷозати ҳукумати амир барои концессияи ирригатсионӣ заминҳои бисёреро мегирифтанд. Масалан, гумоштаи Банки Русу Осиё – Стовба соли 1913 дар бекии Қубодиён 10 ҳаз. десятина заминро ба муддати 99 сол ба концессия гирифта буд (қитъаи «Гавҳаралӣ»). Ҳукумати Бухоро аз соли 1912 то соли 1915 ҷамъулҷамъ то 300 ҳаз. десятина заминро ба концессия дод. Ғайр аз қитъаи «Гавҳаралӣ» боз ду концессияи дигар дода шуд – соли 1914 «Айваҷ» 5 ҳаз. десятина заминҳое, ки дар қарибии ба Аму рехтани Кофарниҳон воқеъ буданд ва соли 1915 «Қӯрғонтеппа» 65 ҳаз. десятина замин (ин заминҳо ҳозир дар ҳудуди РСС Тоҷикистон мебошанд).

Амири Бухоро ва амалдорони вай ғайр аз ситондани андозу хироҷу закоту пораву ришва ҳаннотию савдогарӣ ҳам мекарданд. Хазинаи давлат тамоман кисаи худи амир шуда монд. Дар ин бора устод Айнӣ дар «Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро» маълумоти аҷоиб овардааст. Соли 1913 даромади амир 30 млн. сӯми тилло буд, ки ин тавр харҷ мешуд:

Таъмини сарбозон – 1 млн. сӯми тилло.

Таъмини нукарҳо – 100 ҳаз. сӯми тилло.

Харҷи тортуқҳо – 1 млн. сӯми тилло.

Хароҷоти гуногун–100 ҳаз. сӯми тилло.

Маорифи халқ ва тандурустӣ – ягон тин ҳам не.

Тамоми хароҷот 2200 ҳаз. сӯми тилло. Тамоми пули аз ин боқӣ, яъне зиёда аз 27 млн. сӯми тилло барои зиндагию айшу ишрати амир сарф мешуд. Ҳамаи

[4] ЦГА Узб. ССР, И-3, оп. 2. 467, лл. 149-204

ин далолат мекунад, ки дар аҳди амири охирин – Олимхон толону тороҷ шудани мардум ба авҷи аъло расид. Саросари аморат қаҳатию гушнагию касалиҳо ҳукмфармо шуданд. Аммо ҳукуматдорони Бухоро ба ин парвое надоштанд, на дар ғами маорифи халқ буданду на дар ғами нигоҳдории тандурустии мардум, ҳатто одитарин намудҳои хизмати тиббӣ набуд.

### Авҷ гирифтани фаъолияти миллатчиёни буржуазӣ

Робитаи миллатчиёни буржуазии Туркистону Туркия ҳанӯз дар охири асри XIX сар шуда буд (дар ин кор миллатчиёни тотор ҳам саҳм гузоштаанд), яъне дар ҳамон даврае сар шуда буд, ки панисломия ва пантуркия идеологияи расмии империяи Усмония гардид ва ин робитаҳо пас аз револютсияи соли 1908-уми ҷавонтуркон ниҳоят вусъат ёфт. Пешвои ҷавонтуркон – Анварпошшо, Талъатпошшо, Ҷамолпошшо ва дигарон ақидаҳои пантуркияро бо ҷидду ҷаҳд тарғибу ташвиқ менамуданд, тамоми халқҳои «мусулмон», аз он ҷумла, халқҳои Поволжя, Кавказ, Закавказия, Осиёи Миёнаро даъват менамуданд, ки дар як «давлати усмонӣ» муттаҳид шаванд. Ходими намоёни пантуркия Зиё Гукалп нияту мақсади асосии онҳоро ба як шакли муайян оварда гуфта буд, ки «ватани турконна Туркияву Туркистон, балки кишвари абадзиндаву бекарони Тӯрон аст»[5]. Пешвои аслии ҷавонтуркон Анварпошшо ҳам ба нияти таъсиси «Тӯрони Кабир» аҳамияти калон медод. Вале кор фақат бо ният анҷом намеёфт. Аз Туркия ба Осиёи Миёна ҷосусони пантуркия меомаданд, кору бори пайравони худро тафтиш мекарданд, роҳу равиши кору амалиёти минбаъдаро нишон медоданд, бо адабиёти лозима таъмин менамуданд.

Гарчанд ҳукумати подшоҳӣ ба интишори шиорҳои пантуркия дар Туркистон бо хавф менигарист ва ҷосусони онро сахт ба назорат мегирифт, ба ҳар ҳол, бисёр ҷосусон аз доираи назорат берун мемонданд.

Баъди дар Истамбул охири соли 1909 таъсис ёфтани «Ҷамъияти Бухоро оид ба интишори дониши муфид дар байни ом» омадурафти ҷосусони пантуркия аз Туркия ба Осиёи Миёна хеле зиёд шуд. Ин ҷамъият дар таҳти назорати махсус ва ҳимояти шуъбаи маорифи партияи ҷавонтуркон «Иттиҳод ва тараққӣ» ва роҳбари он, ходими намоёни пантуркия доктор Нозим амал мекард. Генерал-губернатори Туркистон ба мулкҳои осиёимиёнагии Россия чаққа шудани Туркияро дида, ба ташвиш афтод ва 24 августи 1910 ба Раиси Шӯрои вазирон ва вазири корҳои дохилӣ Столипин навишт, ки соли 1910 «омадурафти туркҳо ба кишвар ақаллан нисбат ба соли гузашта хеле зиёд шуд, фақат дар нимаи якуми ҳамин сол нисбат ба тамоми соли 1909 ду маротиба зиёдтар туркҳо омада рафтанд».[6]

Аллакай соли 1910 бо имдоди «Ҷамъияти Бухоро оид ба интишори дониши муфид дар байни ом» мактабҳои олии Истамбул аз Туркистон ва давлатҳои Осиёи Миёна қариб сад донишҷӯ қабул карданд. Дере нагузашта дар Истамбул «Клуби студентони мусулмони Россия» кушода шуд. Ин клуб ҳам мисли «Ҷамъияти Бухоро...» маркази одамгирӣ, тайёркунӣ ва фиристодани

[5] Иқтибос аз китоби Alp Tekin, 1915, S. 16.
[6] ЦГА Узб. ССР, п. 1, оп. 31, д. 648, л. 1.

ҷосусон ба Осиёи Миёна буд, ки дар ин ҷо ҳам ин қабил ташкилот таъсис карданӣ буданд. Масалан, ҷадидони Бухоро бо ташаббуси худ барои мадад ба мусулмонони «доништалаб» муассисаи хайрияе кушоданӣ шуданд. Гумоштаи сиёсии Россия дар Бухоро 11 июни соли 1912 навишта буд, ки ҳайати муассисон нияти ба тамоми Осиёи Миёна паҳн кардани нуфузи ин «муассисаи хайрия» далолат менамояд, ки он «дар банди саъю кӯшишҳои миллатпарастӣ» мебошад. Гумоштаи сиёсӣ дуруст тахмин карда буд, ки ин ҷамъият бо ҷамъияти Истамбул бояд алоқа дошта бошад.[7]

Яке аз сарварони намоён ва роҳбарони ғоявии ҷадидони Осиёи Миёна Мунавварқорӣ Абдурашидовро сардори ҷавонтуркони ҷосуси партияи «Иттиҳод ва тараққӣ» дар Тошканд гуфтан мумкин аст. Мунавварқорӣ мудири яке аз мактабҳои ҷадид буд, дар нашрияҳои панисломия фаъолона ширкат мекард, маҷаллаву китобҳои туркиро тарҷума ва нашр менамуду пулашро ба Истамбул ба фонди «Ҷамъияти имдоди миллӣ ба флоти Усмонӣ» мефиристод. Дар ҳавлии Мунавварқорӣ мунтазам маҷлисҳои пӯшидаи ҷадидон, ки зоҳиран, ба зиёфат мемонд, баргузор мешуд ва дар ин ҷамъомадҳо оид ба усулҳои тарғиботи пантуркия мубодилаи таҷриба мекарданд, инструкторҳои аз Туркия омада дастурҳо медоданд. Худи Мунавварқорӣ борҳо ба Фарғонаву дигар вилоятҳои Туркистон рафта кору бори ҷадидонро тафтиш карда меомад. Фаъолияти Мунавварқорӣ чунон вусъат гирифт, ки Шуъбаи ҳимояти ноҳиявии Туркистон ӯро ба зери назорати худ қарор дод.

Ҷадидон дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна ҳар гуна «ташкилотҳои имдоди Туркия» таъсис медоданд, ки онҳо ба фоидаи Туркия ташвиқоту тарғибот мебурданд, барои иҷрои маросимҳои гуногуни динию дунявӣ пул меғундоштанд. Ҳатто ҳоҷиҳои Туркистон ҳам ба тарғибу ташвиқи ғояҳои панисломия сафарбар мешуданд. Ба ононе, ки ба ҳаҷ мерафтанд, таъкид карда мешуд, ки «султон халифи муслимин асту ба вай итоати комил бояд кард» ва онҳо пас аз ҳаҷ бояд дар ҳамон ҷо ғояҳои «иттиҳоду ваҳдати тамоми мусулмонон»-ро паҳн мекарданд.[8]

Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ як гурӯҳ пайравони пантуркизм, ки ба онҳо Юсуф Оқчурӯғлӣ роҳбарӣ мекарду ҳамаашон аз Россия муҳоҷират карда буданд, фаъолияти худро ниҳоят вусъат доданд. Ин миллатчиҳо, ки худро «намояндагони тамоми мусулмонони Россия» мехонданд, ба пойтахти давлатҳое рафтуомад доштанд, ки бо Россия меҷангиданд ва дар ҳама ҷо ҷор мезаданд, ки дар Россия «давлатҳои соҳибихтиёри исломӣ» ташкил кардан даркор. Дар ин бобат «фаъолияти» яке аз миллионерҳои калонтарини Осиёи Миёна, пайрави ашаддии пантуркизм Миркомил Муъминбоев ҷолиби диққат аст. Ҳанӯз соли 1911 маъмурияти маҳаллии Андиҷон хабар дошт, ки Миркомил ба манфиати пантуркия кор мебарад. Мувофиқи маълумоти муассисаи хуфия Миркомил сардори «ташкилоти мусулмононе» буд, ки ният дошт зидди русҳо шӯриши мусулмононро бардорад. Соли 1914 пеш аз оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ вай ба Берлин рафта «бо амалдорони Германия нақшаҳои зидди Россияро муҳокима кард». Дар арафаи ҷанг ба Қустантания омада бо Анварпошшо мулоқот кард ва ба Туркия маблағи калонеро хайр намуд.

[7] ЦГА Узб. ССР, 4, 2, оп. 2, д. 439, л. 5-6.
[8] Ниг.: рӯз. «Гюнаш», ки дар Боку нашр мешуд, № 10–12, 12 январи с. 1911.

Моҳи июли соли 1915 аз хонаи Миркомил 31 дона варақае ёфтанд, ки аҳолии маҳаллиро ба муборизаи зидди Россия ва тарафдории Туркия даъват мекарданд. Дар шаҳрҳои гуногуни Осиёи Миёна чандин гурӯҳҳои пайравони пантуркизм буданд, ки зарурати «ғазовоти зидди кофирон» онҳоро муттаҳид менамуд. Ҷолиби диққат аст, ки амалиёти пайравони пантуркизми Осиёи Миёнаро ҷосусони хориҷа таҳрику дастгирӣ мекарданд.[9]

Ҷидду чаҳди ҷадидону пайравони пантуркизму панисломия, ки аз номи «тамоми мусулмонон» гап заданӣ мешуданд, авомфиребии маҳз буд. Миллатчиёни буржуазӣ куҷо буданду меҳнаткашон куҷо буданд – тафовут аз замин то осмон буд – миллатчиён аз орзуву умеду мақсаду нияти меҳнаткашони Осиёи Миёна басо дур буданд. Камбағалони тоҷику ӯзбек, туркману қирғиз ақидаи ҷадидонро намепазируфтанд, ба он ҳамраъй набуданд, онро тарафгирӣ намекарданд. Пролетариат ва деҳқонони Туркистон медиданд, ки миллатчиёни буржуазӣ душманони синфии онҳо мебошанду ғайр аз толону тороҷу зулму истисмор дигар чизро намедонанд ва аз истисморгарони дигар миллатҳо ҳеҷ фарқ надоранд.

## 2. ШӮРИШИ СОЛИ 1916 ВА АҲАМИЯТИ ОН

### Таъсири харобиовари ҷанги соли 1914 ба иқтисодиёти Россия

Дар соли 1914 Ҷанги якуми империалистии ҷаҳонӣ сар зад. Азобу кулфати ҷанг, талафоти бисёри одамон, белаёқатии ҳайати фармондиҳии ҳукумати подшоҳӣ ва хиёнаткориҳои бевоситаи ҳукуматдорони намоёнтарини он, ки бо дарбор бевосита алоқа доштанд, шикастхӯрӣ дар фронт ва харобшавии ақибгоҳ – ҳамаи ин кинаю адоват ва хашму ғазаби коргарон, деҳқонон, аскарону зиёиёнро нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ ба вуҷуд оварда, ҳаракати револютсионии оммаҳои халқро чӣ дар марказ ва чӣ дар гӯшаву канори мамлакат зӯр ва тезутунд гардонд. Аҳволи вазнини оммаи халқ дар Осиёи Миёна бо як қатор сабабҳо вазнинтар мешуд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Россия, аз он ҷумла, ба иқтисодиёти Осиёи Миёна ва ноҳияҳои тоҷикнишини он таъсири харобиовар расонд. Кашонда овардани молҳои саноатӣ бағоят кам шуда, аз Осиёи Миёна баровардани ашёи хом ва озуқаворӣ баръакс ниҳоятдараҷа меафзояд. Дар натиҷа вазъияти хоҷагии халқи кишвар ва аҳволи табақаҳои меҳнатии аҳолӣ беш аз пеш вазнин мешаванд. Ба сабаби бисёр паст фуромадани нархи пахта хоҷагии пахтакорон хароб гардида, солҳои 1915–1916 дар Осиёи Миёна буҳрони ба худ хоси хоҷагӣ сар зад, ки ин боиси норозигиҳои калони пахтакорон шуда буд. Ба ғайр аз ин андозҳо хеле афзуда аспҳоро барои эҳтиёҷоти ҷанг мегундоштанд ва ғайра. Нархи молҳои сермасриф фақат дар зарфи як сол (1915– 1916) 2–3 баробар гаронтар гардид. Дараҷаи зиндагии аҳолӣ хеле поин фуромад.

---

[9] Бобохонов М., 1970, с. 171–172.

Дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар кишвари Туркистон фаъолияти ташкилотҳои сотсиал-демократӣ боз сар шуд. На фақат дар Тошканд, балки дар бисёр дигар шаҳрҳо кружоку гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ амал мекарданд. Дар Хуҷанд гурӯҳи болшевикон кор мебурданд, ки ба он Е.И.Иванитский сардорӣ мекард. Маҳз дар ҳамин ҷо дар паҳлуи бародарони руси ҳамсинфи худ Ҷӯра Зокиров, Абдулқодир Раҳимбоев, Раҳимбердӣ Эгамбердиев ва дигарон зидди душманони худ мубориза бурданд, обутоб ёфтанд ва таҷрибаи муборизаи револютсиониро дарёфт карданд. Инчунин кружоки сотсиал-демократии роҳиоҳанчиёни Хуҷанд ва кружоки сотсиал-демократии Драгомирово буданд, ки дар байни роҳиоҳанчиён ва ангиштканони Сулуктаву Драгомирово тарғибот мебурданд. Болшевикон хосияти империалистии ҷангро фаҳмонда медоданд, ба муборизаи зидди истисморгарон даъват мекарданд. Соли 1914 коргарони Сулукта корро партофтанд. Дар уезди Хуҷанд деҳқонон паси ҳам шӯру ошӯб мебардоштанд.[10]

25 июни соли 1916 дар айни долузарби ҳосилғундорӣ фармони подшоҳӣ баромад, ки номаш ҳам гӯё қасдан муғлақ буд: «Дар бораи сафарбарии мардҳои аҳолии маҳаллии табааи империя ба кори сохтмони иншооти мудофиа дар маҳалли армияи амалкунанда ва ҳамчунин барои анҷоми ҳама гуна корҳои барои мудофиаи давлат зарур».[11] Мувофиқи яке аз моддаҳои ин фармон «аз ҷумлаи мардҳои аҳолии маҳаллии табааи империя тамоми мардҳои аз 19 то 44-солаи вилоятҳои Сирдарё, Фарғона, Самарқанд...» ва дигар вилоятҳои кишвари Туркистон бояд сафарбар мешуданд.

Ҳар як вилоят бояд хеле мардикор медод. Тамоми вазни ин кулфат ба дӯши камбағалон афтид, зеро савдогарони калону бойҳо, ҳар гуна маъмурони маҳаллӣ, элликбошиҳо, мирзоҳо, қориҳо, муллоҳо ва дигар унсурони истисморгар ҳарисию пулпарастии маъмурони идораҳои подшоҳӣ ва маҳаллиро ба кор бурда, имкони «ивази каси сафарбаршударо» истифода бурда, бо зӯри пул худро халос мекарданд, яъне ба ҷойи худ ё наздикони худ камбағалбачаеро киро карда мефиристоданд. Ҳеҷ ҷойи аҷобат надорад, ки як ҳуҷҷати бениҳоят аҷибу такдор диққати тамоми муаррихонро ҷалб кардааст– ин ҳуҷҷат мактуби сардори Шуъбаи ҳимояти ноҳиявии Туркистон М.Н. Волков мебошад, ки 10 июли соли 1916 навиштааст ва дар он чунин гуфта мешавад: «...мувофиқи хабарҳое, ки ба шуъба мерасанд, аҳолии маҳаллӣ бениҳоят ба ғазаб омадааст ва сабабаш овозаҳое мебошад, ки одамони пулдори босавод метавонистаанд худашон ба мардикорӣ нараванд, рафта хандаққовӣ накунанду ба ҷойи ин маблағи муайян диҳад. Дар бозору чойхонаҳову дигар ҷойҳо гап-гап шудааст, ки агар бойҳо ба мардикорӣ гирифта нашаванд, камбағалон ҳатман шӯриш мекунанд ва худашон ин гуна бойҳоро кушта мепартоянд».[12]

Чӣ тавре мебинем, халқ моҳияти синфии муносибати ҳукумати подшоҳиро дар масъалаи мардикоргирӣ нағз фаҳмидааст. Худи ҳамин ҳам як омили муҳимме гардид, ки оммаи халқро ба неҳзати тавонои зиддиҳукуматӣ сафарбар намуд.

---

[10] Каримов Т.Р., 1966, с. 94–97.

[11] Матни фармонро ниг.; «Восстание 1916 года в Средней Азии и Казахстане. Сборник документов», 1960, док. 1, с. 25–26.

[12] Ниг.: Халфин Н.А., 1950; Турсунов Х., 1962, с. 198.

## Саршавӣ ва ҷараёни шӯриш

Ошӯбҳои аввалин дар шаҳри Хуҷанд сар шуданд. Аз рӯйи тақсимот мувофиқи вилоят ва уездҳои кишвари Туркистон уезди Хуҷанд бояд 9 ҳазор мардикор медод. Ба мардикоргирӣ 4 (17) июли соли 1916 бояд шурӯъ мекарданд. Опричники подшоҳӣ, губернатори ҳарбии Самарқанд Н.С.Ликошин (мисли ҳамвазифаҳои худаш дар вилоятҳои дигар) рӯирост таҳдид мекард, ки дар сурати саркашӣ кардан мардикорон ба воситаи қувваҳои мусаллаҳ сафарбар карда хоҳанд шуд. Хашму ғазаби омма уезди Хуҷандро фаро мегирад.

Дар бораи воқеаҳои минбаъдаи шаҳр рапорти сардори гарнизони маҳаллӣ полковник И.Б.Рубах маълумоти муфассал медиҳад. Ин полковник аз ошӯби мардум сари калобаи худро гум карда ва ҳатто тартиби ба киҳо рапорт доданро ҳам аз ёд бароварда, рапортро рост ба номи подшоҳ фиристодааст: «Ба Шумо аълоҳазрат императори аъзам бо тақсиру камияти тамом арз мекунам, ки 4 июл, рӯзона, дар шаҳри Хуҷанд, мардуми шаҳр издиҳом карда, ба идораи пристави политсия омаданд ва талаб карданд, ки рӯйхати мардикороне, ки мувофиқи фармоишоти Шумо аълоҳазрати императори аъзам аз санаи 25 июни ҳамин сол бояд ба корҳои ақибгоҳи армия фиристода мешуданд, бекор кунем. Ҳукуматдорони политсия хеле илтимосу зорию тавалло карданд, ки мардум хона ба хона раванд, вале касе ба гапи онҳо гӯш накарда ва ҳама баробар ғавғову мағал бардоштанд. Вақте политсайҳо мардумро тела дода, дур карданӣ шуданд, аҳолии маҳаллӣ муқобилат карданд ва политсайҳоро дошта заданд.

Аз посбонгоҳе, ки дар наздикӣ воқеъ буд, панҷ нафар аскари қатории дастаи қаравулони Хуҷанд, ки барои рафъи бетартибиҳо омода меистоданд, ба сари ғавғо давида омаданд, вале издиҳом онҳоро ҳам филҳол печонида гирифт ва дар ин мобайн яке аз шаҳриён милтиқи аскарро кашида гирифтанӣ шуд, дигарон бошад, аскаронро сангборон карданд.

Дар ҳамин лаҳза аз байни издиҳом касе тир кушода буд, ки ин аскарони қаторӣ ва шарикони онҳо, ки дар болои девори қалъа меистоданд, ба тарафи издиҳом 16 маротиба тир кушоданд, дар натиҷа ду кас кушта ва як кас маҷрӯҳ шуд – ҳар се аҳолии маҳаллӣ мебошанд. Издиҳом фавран пароканда шуд».[13]

Воқеаҳои Хуҷанд ба шӯру ошӯбҳои оммавии саросари кишвари Туркистон як навъ сарахбор шуданд. Шӯриш шаҳри асосии кишвар Тошканд ва пас аз он тамоми дигар вилоятҳоро фаро гирифт. Мо тамоми ҷузъиёти шӯришро муфассал баён намекунем, зеро дар бораи он тадқиқотҳои махсус чоп шудаанд.[14] Мо фақат дида мебароем, ки ин шӯриш дар ноҳияҳои тоҷикнишин чӣ гуна зоҳир шуд ва ба зуҳуроти он чӣ гуна баҳо додаанд.

Мо дар боло аз рӯйи рапорти «бо тақсиру камтарини» полковник Рубах дидем, ки шӯриш аз нуқтаи назари ҳарбиёну политсайҳо чӣ гуна гузаштааст. Албатта, ин рапорт бисёр тафсилоти воқеаҳои 4 июли соли 1916-уми Хуҷандро

---

[13] Восстание 1916 года в Средней Азии и Казахстане». док. 53, с. 105.

[14] Ниг.: Раҷабов З., 1955; Турсунов Х., 1962; Усенбоев К., 1967; Кастелская З.Д., 1972; нашрҳои махсуси «Ахборот»-и АФ Тоҷикистон ва АФ Ӯзбекистон, «Рисолаҳо»-и Институти таърих, забон ва адабиёти АФ Қирғизистон ва ғайра.

баён намекунад. Ҳол он ки бояд махсус таъкид кард, ки дар шӯриш на фақат аҳолии шаҳр иштирок доштанд. Мардуми деҳаҳои атроф ҳама аз ҷон сер шуда, ба ғазаб омада буданд ва садҳо нафар деҳқонон ҳамон рӯз ба Хуҷанд омаданд. Вақте пристави политсия Устимович фармуд, ки бегоҳии 3 июл дар саҳни масҷиди Шайх Муслиҳиддин бо «калоншавандаҳои» мардум мулоқот мекунад, ба он ҷо понздаҳ-бист «калоншаванда» не, балки якчанд ҳазор одам ҷамъ шуд.

Ҳозирон қатъиян талаб карданд, ки тайёрӣ ё худ сафарбарии мардикорон бекор шавад, ё мавқуф гузошта шавад. Устимович маҷбур шуд, ки маҷлисро қатъ кунад, аниқтараш, думро хода карда гурезад. Рӯзи дигар дар шаҳр як навъ намоише шуд. Марду зан, пиру кампир, хурду калон, баччаву качча ҳама ба сӯйи гузари Охун рафтанд, ки дар он ҷо идораи оқсаққол воқеъ буд. Оқсаққол Мирзо Муинов ва пристав Устимович ин қадар одамро дида, зуд ваъда доданд, ки дигар рӯйхат тартиб дода намешавад. Баъди ин мардуми оташину пурғазаб, ки шумораашон ба 6–7 ҳазор расида буд, ба тарафи «шаҳри нав» равон шуданд.

Пешопеши ин намоиш Ҷӯра Зокиров, Додобой Машарифов барин одамон мерафтанд, ки баъдҳо дар роҳи ғалабаи ҳокимияти халқ дар Тоҷикистон мубориזони машҳур шудаанд. Қозӣ Бузрукхӯҷа ва Комилҷон Олимҷонов ном бойҳои шаҳр пеши роҳи издиҳомро гирифта, аз роҳ гардонданӣ ва пароканда карданӣ шуданд, вале мардум онҳоро ҳам гурезонданду идораи приставро печонида гирифтанд ва талаб карданд, ки рӯйхати мардикорон фавран нобуд карда шавад. Политсайҳо аз ғазаби мардум тарсида, андаруни бино пинҳон шуданд.

Ана дар ҳамин лаҳза аскарон пайдо шуданд, дастаи посбонони Хуҷанд пеш баромаданд ва якҷоя бо политсайҳо тир кушоданд. Аз тирҳои онҳо пирамарди ҳаштодсола шайх Оқил Неъматшайхов, ҷавони бистусесола Муҳаммадхон Миробидов ҳалок шуда, Мирзоҷон Мирфозилов маҷрӯҳ гардид. Аммо аскар кам буд. Ҳанӯз 7 июл Ликошин ба иҷрокунандаи вазифаи сардори штаби Округи ҳарбии Туркистон Н.Н.Сиверс муроҷиат карда, бо исрор илтиҷо карда буд, ки ба вилоят тезтар аскару казакҳоро фиристад. Ғайр аз ин Ликошин навишта буд, ки сардори уезди Хуҷанд ҳам талаб карда истодааст, ки ба шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа фавран яктогӣ пулемёт ва ягон панҷоҳнафарӣ казакҳоро фиристодан даркор.[15]

Аммо аскарфиристонӣ ҳеҷ натиҷа надод ва ин кори ҳукуматдорони подшоҳӣ барабас рафт. Ба ин худи Ликошин ҳам боварӣ ҳосил кард. Барои тафтиши вазъият вай 12 июл ба сафари вилоят баромад. Вай баъдтар (17 декабри соли 1916) ба генерал-губернатори Туркистон навишта буд, ки дар вокзали Хуҷанд «ба вай издиҳоми бузурге маътал будаанд, ки аз деҳаҳои Қистакӯзу Исфисор омадаанд, ман бозистодам, ки бо онҳо гап занам. Гуфтам, ки ҳар каси дар ҷояш рост истодагӣ шинад, худам рост истода ба ҳозирон аҳамияти фармоишоти аълоҳазрат императорро дар бораи мардикоргирӣ ва тартиби мардикоргириро фаҳмонда додам. Ҳама гап назада, гӯш мекарданд, вале рӯйи ҳама тираву қавоқҳо овезон буду аз сукути онҳо касро воҳима зер мекард».[16]

[15] «Восстание 1916 года в Средней Азии и Казахстане», док. 56. с. 109.
[16] Дар ҳамон ҷо, с. 162–163, док. 92.

Дар омади гап, губернатор сонитар мегӯяд, ки «на ҳама дар сукут буданд». Исфисорие баромада гуфт, ки Кауфман дар вақташ ваъда дода будааст, ки дар муддати 50-сол ягон касро аз ин ҷо ба аскарӣ намегиранд. Пас аз ин Ликошин боз гапашро давом дода менависад:

«Ман ба он исфисорию ба издиҳом гуфтам, ки ин гап афсона асту маъно надорад ва зоҳиран гӯё ки гапҳои ман маъқул шуданд, вале оқибати кор тамоман дигар баромад – муллое, ки бо вай гап мезадам, якбора ба издиҳом рӯ оварду гуфт: «Гапро кашол додан чӣ лозим, ҳой халоиқ, шумо гуфта будед, ки мардикор намедиҳед, рост аст?». Тамоми издиҳом ба якборагӣ басо босалобату бадвоҳима ғурунгос зад, ки: «Рост, намедиҳем. Рост, намедиҳем»– ман бошам фақат ҳаминро гуфта тавонистам, ки фармоиши аълоҳазратро дар бораи мардикорӣ ҳар коре шавад, иҷро кардан даркор».

Он чӣ аён аст чӣ ҳоҷат ба баён аст – магар аз ин зӯртар манзараро дидан мумкин аст? Кай пештар мардум дида буд, ки худи губернатори ҳарбии вилоят дар пеши деҳқонону косибони деҳот гап занад?! Хайр, агар гап зада бошад ҳам, кай як одами олимансаби генерал-губернаторӣ аз даҳони ом ин қадар гапҳои рӯиросту пухтаву бурро шунида буд?!

Минбаъд ҳам қистакӯзиҳову исфисориҳо бо камбағалони Хуҷанд алоқаи мустаҳкам доштанд ва дар зарурат фавран ба мадади онҳо меомаданд. Масалан, вақте 21 июли 1916 ҳукуматдорони Хуҷанд чор касро ба ҳабс гирифтанд, ки онҳо гӯё мардумро ба шӯриш даъват мекардаанд, тамоми қистакӯзиҳо ба мадади хуҷандиҳо шитофтанд. Хурду калон, ҳар касе ки гашта метавонист, ба роҳ баромаданд. Калонони шаҳр бо як азоб пеши роҳи ин издиҳоми панҷҳазорнафараро гирифтанд ва намонданд, ки ба Хуҷанд дароянд.

Дар Ӯротеппаву деҳаҳои атрофи он ҳам шӯру ошӯбҳо мешуданд. Ликошин ба генерал-губернатори Туркистон А.Н.Куропаткин 7 декабри соли 1916 мактубе фиристод, ки дар он навишта буд: «... 1 август ба шаҳр аз вулуси Ғончӣ ду гурӯҳ деҳқонон омаданд – як гурӯҳ 200 нафар, гурӯҳи дигар 250 нафар, онҳо ба тартиб додани рӯйхат монеъ шуданӣ буданд. Бо ёрдами посбонони савора ва политсайҳо ғончигиҳо пароканда карда шуданд».[17]

Сарфи назар ба ҳамаи ин, сардори уезди Хуҷанд полковник Рубах хавф дошт, ки мардуми ин ҷойҳо боз шӯриш мекунанд. Бинобар ин, вай аз губернатори ҳарбии Самарқанд илтимос кард, ки ба вулуси Ғончӣ «отряди ҷазодиҳандаи Шаҳристон фиристода шавад... ва он бояд ҳуқуқ дошта бошад, ки дар зарурат таъзир ҳам кунад». Пас аз ин Рубах менависад: «...азбаски бетаъхир тезутунд амал кардан даркор, бинобар ин даҳҳо ва садҳо касро ҳабс карда, ба зимми ин тамоми расмиятҳоро (қарори ҳабс, пурсишу тергав, маълумот ба идораҳои болоӣ) риоя кардан мумкин нест» [18] ва аз гапҳояш маълум, ки шӯриш ҳақиқатан вусъат ёфта будааст.

Маъмурияти подшоҳӣ армияи худро ба манбаъҳои шӯриш бо азоб тақсим мекард, зеро отрядҳои ҷазодиҳанда намерасиданд. 9 август дар Қистакӯз мардум боз шӯриш бардоштанд. Худи ҳамон Ликошин ба Тошканд чунин хабар дода буд: «Издиҳоми бузурги мардум – хурду калон, марду зан ба

[17] «Восстание 1916 года в Средней Азии и Казахстане», док 92 с 170
[18] Дар ҳамон ҷо, док. 89, с.137, ахбори Ликошин ба генерал-губернатор Куропаткин, 5 августи соли 1916.

ҳавлии идораи сардори вулус зада даромаданд ва сардори вулус, элликбошӣ ва посбонро дошта заданд».[19]

«Аскару казак фиристед!», «Аскару казак фиристед!»–аз тамоми вулусу уезду вилоятҳои кишвари Туркистон ба маркази он фақат ҳамин гуна телеграммаҳо меомаданд. Зеро шӯриш дар Хуҷанд сар шуда, саросари кишварро фаро гирифт ва то тирамоҳи соли 1916 дар манбаҳои асосии худ ва дар баъзе ҷойҳо аз ин ҳам дертар давом кард. Фақат пас аз он ки ба Осиёи Миёна қисмҳои нави армия омаданд, шӯриш пахш карда шуд. Қувваи асосии шӯриш деҳқонон ва косибон буданд. Дар ноҳияҳои зироаткорӣ муқобилати шӯришгарон ба дараҷае сахт шуд, ки генерал-губернатори Туркистон он муқобилатро фақат бо зӯри армия ва артиллерия рафъ карда тавонист.

Мувофиқи маълумоти архив дар аморати Бухоро ҳам шӯру ошӯбҳо аз ибтидои соли 1916 сар шуданд ва алалхусус, дар Китоб, Шаҳрисабз, Яккабоғ ва Чироқчӣ вусъат ёфтанд. Махсусан деҳқононе ба шӯр омаданд, ки амир барои сохтмони роҳи оҳани Бухоро–Тирмиз зӯран сафарбар карда буд. Тақрибан моҳҳои март-апрели соли 1916 Агентии сиёсии Россия дар яке аз хабарҳои худ навишта буд: «Норозигии коргарон торафт зиёд шуда истодааст. Истисмору худсарӣ ҳад надорад. Барои ду ҳафта кор сартҳо ҳамагӣ як сӯм маош мегиранд ва хӯрду хӯрокашон аз худашон (дар мавзеи Калиф – Тирмиз). Овоза паҳн кардаанд, ки роҳ давлатӣ аст ва дар он бепул кор кардан даркор». Аҳолии бекиҳои кӯҳистон, масалан, аҳолии Балҷувон сар бардоштанд. [20]

Шӯриши соли 1916 неҳзати стихиявӣ буд ва на дар ҳама маҳалҳо хусусияти халқӣ дошт. Шӯришгарон на вазифаи шӯришро дуруст дарк мекарданду на роҳҳои ғалабаро медонистанд. Бисёр шӯришҳо ҷудо-ҷудои беробита буданд. Нақшаи ягонаи амалиёт, роҳбарияти ягона набуд.

Гарчанде мувофиқи маълумоти идораи политсия дар баъзе маҳалҳо баъзе сотсиал-демократҳо, ки дар баъзе шаҳрҳои Осиёи Миёна зиндагӣ мекарданд, дар ин ё он шӯриш ба ин ё он андоза дахл доштаанд, вале мо гуфта наметавонем, ки дар ин шӯришҳо роҳбарии пролетарӣ вуҷуд дошт, ин гуна роҳбарӣ набуд. Пролетариати маҳаллии миллӣ ҳоло камшумор ва ташаккул наёфта буд, барои роҳбарӣ қодир набуд. Пролетариати рус бошад, гарчанде ба онҳо партияи болшевикон роҳбарӣ мекард, дар ибтидои шӯриш бо меҳнаткашони маҳаллӣ, ки асосан аз деҳқонон иборат буданд, робитаи мустаҳкам надошт. Натиҷаи муҳимтарини шӯриши соли 1916 дар ҳамин, ки шӯриш дар он ҷойҳое, ки хусусияти ҳақиқатан халқию озодкунанда дошт, пояҳои ҳокимияти подшоҳӣ ва истисморгарони маҳаллиро суст кард.

Дар айни ҳол, бояд ҳатман қайд кунем, ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳои Осиёи Миёна ҷосусони империалистони Германия ва султони Туркия хеле ҷидду ҷаҳд карданд, ки шӯришҳои халқии зиддиподшоҳиро ба шӯриши зидди, умуман, русҳо табдил диҳанд. Дар навбати худ муллоҳои мутаассиб, алалхусус, пайравони ашаддии тасаввуф кӯшиданд, ки шӯриш ба худ шакли «ғазовот»-ро гирад, ки дар ин сурат тамоми русҳо бояд қир карда мешуданд.

Шоҳидон нақл мекунанд, ки дар яке аз маҳаллаҳои Хуҷанд як гурӯҳ одамон, ки ё ҷосуси империалистони Германия ё султони Туркия будаанд,

[19] Дар ҳамон ҷо, док. 92, с. 170.
[20] Мухторов А., 1967, с. 33.

байроқи халифаи Туркияро бардошта баромадаанд. Маълумоте ҳаст, ки султони Туркия Афғонистонро таҳрик мекардааст, ки ба корҳои аморати Бухоро ва кишвари Туркистон дахолат кунад.

Ба ҷосусони Туркия муяссар шуд, ки бо фиребу найрангу ришваю пора сардорони баъзе қабилаҳои туркманро аз роҳ бароранд ва дар ин хел маҳалҳо шӯру ошӯби мардум ба фоидаи султони Туркия ҷараён ёфт. Дар ноҳияҳои сарҳадди Афғонистон ва Эрон ҳодисаҳое рӯй доданд, ки шӯришгарон ба роҳиоҳанчиёни бегуноҳу муздури рус дарафтоданд, қасабаҳои русҳоро оташ заданд, посбонгоҳҳо, воситаҳои алоқа ва ғайраро хароб карданд. Бойҳо ва муллоҳои туркман мехостанд, ки ба туфайли ин шӯриш қабилаҳои туркманро ба Эрон ё Афғонистон ва баъдтар ба Туркия ҳамроҳ кунанд. Ин гуна ниятҳои душманона дар дигар маҳалҳои Осиёи Миёна ҳам ҷой доштанд.

Хулласи калом, ҳангоми баҳо додан ба хусусияти шӯриши соли 1916 шароити аниқи ҳар як маҳалли Осиёи Миёнаро ба ҳисоб гирифтан даркор. Аниқу равшан ҷудо кардан даркор, ки кадом шӯриш стихиявӣ буд, кадом шӯриш хусусияти халқию озодкунӣ дошт, кадом шӯришро феодалҳои иртиҷоӣ, муллоён ва дигар унсурҳои зиддихалқӣ ташкил кардаанд, ё ба манфиати худ истифода бурдаанд.

Баъди бераҳмона пахш кардани шӯриши соли 1916 ҳукумати подшоҳӣ мардумро бемалол ба мардикорӣ, аниқтараш, барои кор дар ақибгоҳи армия сафарбар кардан гирифт. Ин сафарбарӣ бо худсарию бедодиҳои бешумор мегузашт. Ба мардикорӣ фақат фарзандони бенавоёну камбағалонро мегирифтанд, бойҳо бошанд, расман ҳуқуқ доштанд, ки ба ҷойи фарзандони худ дигар касро киро карда фиристонанд. Фарзандони бойҳо, амалдорон, муллоҳо пораву ришва ҳам дода, аз мардикорӣ худро халос мекарданд. Деҳқонони бечора барои ришваю пора пул надоштанд, бинобар ин баъзан чунин мешуд, ки аз як оила якбора ду-се кас ба мардикорӣ мерафт – яке аз рӯйи «қонун», дигаре ба ҷойи қарз ва севумӣ худро мефурӯхт, ки зану кӯдаку пиру кампирони дар хона монда қути лоямуте дошта бошанд.

Касони ба мардикорӣ сафарбаршуда дар сохтмони иншооти мудофиа кор мекарданд, дар корхонаҳои саноатӣ ҳар гуна корҳои сиёҳро иҷро мекарданд, баъзан онҳоро дар заминҳои помешикҳо ҳам кор мефармуданд. На идораҳои ҳарбӣ ва на соҳибони заводу фабрикаҳо, ки бояд мардикорони осиёмиёнагиро қабул мекарданд, ба ин кор мутлақо тайёрӣ надида будаанд. Ҳазорон ҳазор мардикорон дар бараку заминканҳои хунуки бепечка зиндагӣ мекарданд, аз хунукию гуруснагию касалиҳо садҳо нафари онҳо мурда мерафтанд.

Ваҳшиёна пахш карда шудани шӯриши соли 1916, худсарию бедодию беинсофиҳои бешумори тартиби мардикоргирӣ, зиндагии мудҳишу вазнину тоқатгудози мардикорон дар ғарибӣ – ҳамаи инҳо нафрату адовати меҳнаткашони Осиёи Миёнаро нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ, ҳукуматдорони маҳаллӣ ва тамоми золимон хеле сахттар кард. Дар айни ҳол, шӯриши соли 1916 аз рӯйи унсурҳои буржуазии миллӣ ниқобро канда партофт.

Тарғиботчиёни пантуркия натавонистанд, ки халқҳои Туркистонро ба роҳи каҷи «иттиҳоди ҷамеи муслимин» равона кунанд, дар роҳи «иттиҳоди миллию динӣ» аз муборизаи синфӣ дур созанд.

Ҳамаи ин дар Осиёи Миёна дар вақти шӯриши соли 1916 басо аён зоҳир гардид ва дар ин кор худи ҷадидҳо ҳам кумак карданд. Маълум, ки онҳо

неҳзатҳои халқиро ба манфиати худ истифода бурданӣ мешуданд ва дар аҳён-аҳён ҷойҳо (масалан, дар Ҷиззах) ба онҳо муяссар шуд, ки эҳтироси револютсионии оммаро ба маҷрои таассуби динӣ андозанд. Аммо аксари аҳолӣ – камбағалони маҳаллӣ душманони аслии худро нағз шинохта гирифтанд. Қайд кардан лозим, ки аз худи аввали шӯриш то пахш карда шудани он тамоми калонони «обрӯманд», бойҳои маҳаллӣ бо амалдорони хурду калони подшоҳӣ фаъолона ҳамкорӣ мекарданд. Ба маъмурияти подшоҳӣ миллатчиёни буржуазӣ–ҷадидҳо ҳам ҳарҷониба кумак мекарданд. Аҳвол ҳам дар Хуҷанду Ӯротеппа, ҳам дар Самарқанду Марғелон, ҳам дар Пишпеку Верний, дар ҳама шаҳрҳо, ниҳоят дар худи Тошканд ҳам ҳамин буд.

Ин хоинон ба манфиатҳои миллии халқи худ хиёнат карда, идораҳои махсус таъсис медоданд, ки ба ҳукумати подшоҳӣ дар масъалаи мардикоргирӣ мадад расонанд. Масалан, дар маркази генерал-губернаторӣ «Комитети шаҳрии Тошканд барои ба кор даъват кардани аҳолии маҳаллӣ»[21] ном муассисае таъсис ёфт, ки ба он Мунавварқорӣи дар боло номбурдаи мо, Хоҷаев ном як савдогари серпули корчаллон ва дигар намояндагони давлатманди бойҳову ҷадидҳо сарварӣ мекарданд. Дар вилояти Сирдарё намояндагони буржуазияи маҳаллӣ ба губернатори ҳарбии вилоят махсус ариза дода иҷозат пурсиданд, ки «дар байни аҳолӣ ташвиқоту тарғибот баранду онҳо ба маъракаи ғундоштани чизу чораву молу ашё барои эҳтиёҷи ҷанг муқобилат накунанд».[22]

Ин иқдом ва дигар кирдорҳои ба ин монанд равшан далолат мекунанд, ки ҷадидҳо ҳам мисли тамоми буржуазияи миллии Туркистон аз оммавӣ будан ва равияи муайяни синфӣ доштани шӯриши соли 1916 ба ҳарос афтода, дар ғами мавқеи худ шуда, бо душманони ашаддии тамоми халқҳои мамлакат – ҳукуматдорони подшоҳӣ забон як карданд.

## 3. РЕВОЛЮТСИЯИ БУРЖУАЗӢ–ДЕМОКРАТИИ ФЕВРАЛИ 1917 ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҲАЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, ки оқибат ва ифодаи буҳрони умумии капитализм ба шумор мерафт, ин буҳронро тезутунд гардонда империализми ҷаҳониро суст намуд. Коргарон ва аскарон 27 феврали (12 марти) соли 1917 дар Петроград шӯриш бардошта, подшоҳро аз тахт сарнагун карда, Шӯроҳои депутатҳои коргарон ва аскаронро ташкил доданд. «Ба коргарони рус,– навишта буд В.И.Ленин,– чунин шараф ва иқболе насиб шуд, ки якумин шуда револютсияро, яъне ҷанги бузург, ягона ҷанги қонунӣ ва ҳаққонии мазлумонро бар зидди золимон сар кунанд».[23]

Ба шарофати роҳбарии партияи болшевикӣ, ба шарофати гегемонияи пролетариат револютсияи буржуазӣ-демократии феврал дар тамоми сарзамини васеи Россия ғалаба кард.

---

[21] ЦГА Узб. ССР, И. 1, оп. 31, д. 1128, лл. 5–8 ва ғайра.
[22] ЦГА Узб. ССР, И. 17, д. 166, лл. 11 – 14.
[23] Ленин В.И., Асарҳо, ҷ. 23, с. 385.

Дар натиҷаи хоинии эсерҳо ва меншевиконе, ки ба роҳбарияти Шӯроҳо даромада гирифта буданд, ба сабаби зудбоварии аз ҳад зиёди оммаҳои васеи коргарон ва аскарон, ки аз аввалин комёбиҳои револютсия сармаст шуда буданд, ҳокимияти давлатиро буржуазия ба дасти худ мегирад. Ҳокимияти нави давлатӣ дар шахси Ҳукумати Муваққатӣ аз намояндагони буржуазия ва помешикони буржуазияшуда иборат буд.

Ба як тарзи махсус ба ҳам пайвастани ду диктатура: диктатураи буржуазия дар шахси Ҳукумати Муваққатӣ ва диктатураи пролетариат ва деҳқонон дар шахси Шӯрои депутатҳои коргарон ва аскарон вазъияти ба вуҷудомада, рафти вусъати воқеаҳои револютсиониро чи дар тамоми мамлакат ва чи дар Осиёи Миёна ҳам муайян кард. [24]

Револютсияи феврал оммаи васеи халқи Осиёи Миёнаро сахт ба ҷунбиш овард. Дар рӯзҳои аввалини револютсия аввал дар Тошканд, баъд дар дигар шаҳрҳои кишвар, аз ҷумла дар шаҳрҳои аксарияти аҳолиаш тоҷик дар Самарқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Бухорои Нав (Когон) Шӯроҳои депутатҳои коргарон ва аскарон ба вуҷуд омаданд. Дар баробари Шӯроҳо ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи коргарон, косибон, ҳунармандон ва дигар табақаҳои аҳли меҳнат таъсис меёфтанд. Дар Самарқанд Иттифоқи мусулмонони меҳнаткаш («Иттифоқ») роли калон мебозид, ки бисёр фаъолони он сиёсати болшевиконро суботкорона ва бо ҷиддият дастгирӣ мекарданд. Дар Хуҷанд, ки дар байни аҳолии он роҳи оҳанчиён хеле зиёд буданд, «Комитети роҳи оҳании коргарон ва деҳқонони стансияи Хуҷанд» таъсис карда шуд.[25]

31 март дар маҷлиси муттаҳидаи Шӯрои депутатҳои коргарон ва аскарони Тошканд, Комитети иҷроия, инчунин намояндагони Шӯрои депутатҳои мусулмонон ва Шӯрои деҳқонон дар бораи барҳам додани генерал-губернаторӣ якдилона қарор қабул карда шуд. Ин ғалабаи калони револютсия ба ҳисоб мерафт.

Як қисми халқи тоҷик, ки дар кишвари Туркистон зиндагонӣ мекард, ба мубориза револютсионии халқҳои Россия ҳамроҳ шуд. Дар зери таъсири пролетариати Россия ва бо ёрии вай дар як қатор шаҳрҳо иттифоқҳои мусулмонони меҳнаткаш ва Шӯроҳои депутатҳои коргарони мусулмон ташкил меёбанд, ки дар онҳо меҳнаткашони миллати маҳаллӣ бо қисми болшевикии Шӯроҳои депутатҳои коргарон ва аскарон ҳамкорӣ карда, таълими муборизаи револютсионӣ мегиранд.

Дуҳокимиятӣ дар Туркистон дар ҳамин зоҳир мешуд, ки дар баробари Шӯроҳо комитети туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ ҳамчун органи олии ҳокимият дар кишвар ташкил дода шуда буд, дар маҳалҳо (вилоят ва уездҳо) комиссарони Ҳукумати Муваққатӣ гузошта шуда буданд, инҳо органҳои ҳокимияти буржуазӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки сиёсати Ҳукумати Муваққатиро ҷорӣ мекарданд, сиёсатеро, ки аз ҷумла, барои дар Туркистон нигоҳ доштa шудани машинаи куҳнаи давлатӣ равона карда шуда буд.

Ҳукумати Муваққатии буржуазӣ тамоми чораҳоро медид, ки режими мустамликавиро дар Осиёи Миёна нигоҳ дорад. Ҷаллоди халқҳои Осиёи Миёна – генерал Куропаткинро Ҳукумати Муваққатӣ дар вазифаи пештарааш

[24] Искандаров Б.И., 1970, с. 28–35.
[25] «Очерки истории Коммунистической партии Туркестана», вып II, 1959, с. 32.

монond. Вазири ҳарбии Ҳукумати Муваққатӣ капиталист Тучков дар телеграммаи худ изҳори боварӣ мекард, ки генерал Куропаткин барои нигоҳ доштани тартибот дар Туркистон «таҷрибаи худро истифода хоҳад бурд». Бо мақсади нигоҳ доштани ин «тартибот» губернаторони вилоятӣ, сардорони уезд ва тамоми дастгоҳи политсия дар ҷойҳои худ мононда шуданд.

Ҳамаи маҳдудиятҳои миллие, ки дар замони подшоҳӣ вуҷуд доштанд, бекор карда нашуданд, меҳнаткашон мисли пештара аз ҳуқуқ маҳрум буданд. Сардори комитети кадетҳои Туркистон Шепкин ба деҳқонони меҳнаткаш таҳдид мекард, ки барои заминҳои мулкдорони калон ва бойҳоро худсарона зер карда гирифтанашон ҷазои сахт хоҳад дод. Коргароне, ки рӯзи кори 8-соата талаб мекарданд, дучори таъқибот мешуданд. Ба таври дигар гӯем, буржуазияи ба сари ҳокимият омада барои аз миён бурдани на зулми иҷтимоӣ ва на миллӣ ҳатто кӯшиш ҳам накард. Вай баъзе зуҳуроти дурушти сиёсати миллӣ-мустамликавии ҳукумати подшоҳиро (фақат зоҳиран) аз байн бурда, онҳоро бо сиёсати нозуктар ва аз ин рӯ боз ҳам хавфноктар иваз намуд.

Буржуазияи миллӣ, унсурҳои феодалӣ-бойӣ кӯшиш мекарданд, ки болоравии кайфияти миллии озодихоҳии оммаи халқро зери роҳбарии худ гирифта ва онро ба манфиати маҳдуди синфиашон истифода баранд.

Ба андозаи дар Россия ривоҷ ёфтани ҳодисаҳои револютсионӣ моҳияти зиддихалқии ҷадидизм торафт ошкортар мешуд. Табаддулоти моҳи феврали соли 1917-ро ҷадидҳо бо ваҷду шодии тамом истиқбол гирифтанд. Хабари револютсия расидан замоно моҳи марти соли 1917 дар Тошканд «Шӯрои исломия» ном ташкилоти буржуазии миллатчигӣ таъсис ёфт, ки ба он собиқ депутати Думаи II давлатӣ Муллоабдувоҳид Қориев ва ҳамон Мунавварқорӣ Абдурашидов сарварӣ мекарданд. Онҳо бо М. Чукаев ва И. Сайфулмулуков барин пешвоёни пантуркия ба Шӯрои муттаҳидаи кишварии исломии Туркистон роҳбарӣ мекарданд ва «Турк эли» («Халқи турк») ном як газетача ҳам мебароварданд.

Моҳи апрели соли 1917 миллатчиёни буржуазии Осиёи Миёна дар Тошканд съезди мусулмонони Туркистонро даъват карданд. Иштирокчиёни съезд эълон карданд, ки барои интишори нуфузи буржуазияи миллӣ дар байни аҳолии Осиёи Миёна ғояҳои панисломия ва пантуркизмро ҳаддалимкон васеъ истифода бурдан даркор. Дар съезд ягон масъалае муҳокима нашуд, ки барои беҳтар шудани аҳволи деҳқонон ё косибон лозим бошад. Ҷадидон ва пайравони онҳо «соҳибихтиёрӣ ва худидоракунӣ»-и Туркистонро талаб карданд, то ки фақат худашон меҳнаткашонро толону тороҷ кунанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки сохти кӯҳнаи нимфеодалиро барқарор нигоҳ доранд, таъсири дини ислому ходимони он, таъсири буржуазияи миллиро ба халқҳои Осиёи Миёна мустаҳкамтар кунанд.

Пешвоёни ҷадидҳо – М. Беҳбудӣ, Мунавварқорӣ Абдурашидов, Абдурауф Фитрат ба тарғибу ташвиқи ғояҳои пантуркизм аҳамияти махсус дода, «бою камбағал»-ро даъват мекарданд, ки «дар роҳи як мақсад» хизмат кунанд ва бо ҳамин байни меҳнаткашони маҳаллӣ ва камбағалони рус низоъ меандохтанд. Дар ин кор «Тӯрон» ном гурӯҳи буржуазии миллӣ, ки сонитар ба «Ташкилоти федералистони турк» («Турк адам марказият») табдил ёфт, мақоми намоён дошт.

Ташкилоти маҳаллии буржуазии «Шӯрои исломия» ва ташкилоти феодалии динии «Уламо» таъсис ёфтанд, ки майдони амалиёташон хеле васеъ буд. Онҳо шиорҳои контрреволютсионӣ, шиорҳои панисломия ва пантуркизмро пешбарӣ карда, мехостанд, ки оммаи маҳаллии меҳнаткашро аз қафои худ гирифта баранд, оммаеро, ки бедор шуда буду аммо аз қайди ҷаҳолат ва азияти асрина раҳо наёфта буд.

Роҳбарони ин ташкилотҳо худро ҳомиёни дини ислом ва манфиатҳои умумимиллӣ ба қалам дода, табақаҳои боқимондаи ноогоҳи аҳолии маҳаллиро ба муқобили болшевикон иғво медоданд. Масалан, дар Хуҷанд ташкилоти «Шӯрои исломия» чунин овоза паҳн карда буд, ки гӯё болшевикон молу мулки мардумро кашида гирифта, ҷамъиятӣ кардан мехостаанд, гӯё болшевикон расму оини диниро манъ карда, дини мусулмониро нест карданӣ будаанд. «Шӯрои исломия» ва махсусан «Уламо» аҳолии маҳаллиро на ин ки фақат барои ба болшевикон пайравӣ кардан, балки барои иштирок кардан ба ҳар як ташкилоти меҳнаткашон таъқиб менамуданд.

Органи Шӯрои депутатҳои коргарон ва аскарони Тошканд «Наша газета» моҳияти зиддихалқии амалиёти «мустамликадорони навбаромад»-и ҳайати Ҳукумати Муваққатӣ ва хиёнаткориҳои миллатчиёни буржуазиро бо далелу исботҳо фош карда ба меҳнаткашон (алалхусус, ба меҳнаткашони маҳаллӣ) моҳияти ҳақиқии мутаассибонро нишон медод. «Инак боз як касофати дигар шуд – балои севум омад, ки номаш «Уламо» будааст –- навишта буд «Наша газета» – Ин бало аз қаҳтию вабо ҳам бадтар. Ин як селаи бадаъмолони шаҳри куҳна аст, ки аз офати ҷанг миллионҳо сӯм duздидаанд, аз ҳисоби кулфати мардум давлатманд шудаанд».[26]

Дар моҳҳои аввали Револютсияи феврал ба миллатчиёни буржуазӣ муяссар шуд, ки қисме аз аҳолиро гаранг карда аз паси худ баранд. Онҳо мекӯшиданд, ки дар Осиёи Миёна зидди болшевикҳо фронти ягона ташкил диҳанд, зеро таъсири болшевикон ба халқҳои Осиёи Миёна рӯз ба рӯз меафзуд. Ҷадидон, панисломчиҳо, пантуркчиҳо ба тарғиботу ташвиқоти болшевикон шиори худ «миллати ягонаи мусулмон»[27]-ро муқобил гузоштанӣ мешуданд, синфҳои гуногунро ба иттиҳод даъват мекарданд. Дар ин бобат як хитобаи Фитрат хеле ҷолиби диққат аст:

«Мусулмонони Туркистон!– навишта буд вай дар хитобааш,– биёед, аз барои пайғамбар, аз барои дин, аз барои илм муттаҳид шавем; ба низои байнихудӣ ва тафриқаи синфӣ чашм пӯшем, худро бо риштаҳои дӯстию иттиҳод барбандем, ки нахустпанди ислом аст, биёед, даст ба ҳамдигар диҳем»[28].

Вале вазифае, ки онҳо назди худ гузошта буданд, ба ҳеҷ ваҷҳ иҷро намешуд. Программаи ленинии партияи болшевикӣ дар масъалаи миллӣ ҳалли ҳамон масъалаҳои умдаеро дар назар дошт, ки миллионҳо меҳнаткашони тамоми миллатҳо ба умеди ҳалли он масъалаҳо буданд ва ҳамин нияти партияи болшевикон ба дили ҳамаи меҳнаткашон роҳ меёфт ва ба туфайли ҳамин

[26] Аминов А., Бобохӯҷаев А., 1966, с. 121.

[27] Ҷадидизм умуман манфӣ бошад ҳам, ба он муваққатан одамони поквиҷдони ҷӯянда ҳам ҳамроҳ мешуданду программаи зиддихалқии миллатчиёни буржуазиро эътироф намекарданд ва ба андозаи фош шудани моҳияти иртиҷоии ҷадидизм аз он дур мешуданд.

[28] Рӯз. «Ҳуррият», 25 июни с. 1917.

мардуми гӯшаву канорҳои Россия ҳам, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна фаъолона болшевиконро дастгирӣ мекарданд.

Худи ҳаёт ба ҷараёни аз ҳам ҷудошавии синфии аҳолии маҳаллӣ ёрӣ расонд. Меҳнаткашони тоҷику ӯзбек ва туркману қирғиз торафт бештар боварӣ ҳосил мекарданд, ки бойҳои маҳаллӣ мардумро ба ягонагии миллӣ даъват карда, дар амал аз ҳисоби бародарони «ҳамхун»-и худ – деҳқонон ва камбағалони қашшоқу гуруснаи шаҳр, давлатманд мешаванд. Чунин воқеаи ҷолиби диққатро мисол меоварем, ки онро матбуоти болшевикӣ хабар дода буд: «Масъалаи озуқаворӣ дар Ӯротеппа бисёр мушкил аст. Мардум аз гуруснагӣ аз вулусҳои дар гирду атроф будаи Басманда, Шаҳристон ва дигар маҳалҳо, ба сӯйи Дарё мегурезанд. Чунки дар Дарё ба ҳар ҳол арзан ҳаст. Воқеан, бо ин арзан корҳои беҳаёна мекунанд, бойҳои Ӯротеппа дар стансияи Кривошенно ҳар пуд арзанро 28 сӯмӣ харида, онро рустӣ бо поезди мусофирбар ва молкашон ё бо ароба ба Ӯротеппа мекашонанду дар ҳавлиҳошон орд карда, ба мардуми гурусна ҳар пудашро 50 сумӣ мефурӯшанд»[29].

Оммаи меҳнаткаш торафт бештар ба ҳамин маънӣ сарфаҳм мерафтагӣ мешавад, ки байни камбағалони аз гуруснагӣ мурдаистода ва сабабгорони ин гуруснагӣ– бойҳои савдогар, ки ба ташкилоти «Шӯрои исломия» сардорӣ мекунанд, ҳеҷ гуна манфиатҳои «умумимиллӣ» шуда наметавонад.

Фаъолияти собиқ мардикорон, яъне ононе, ки барои кори ақибгоҳ ба Россия сафарбар шуда буданд, ба инкишофи шуури синфии пролетарҳову косибону деҳқонони маҳаллӣ хеле мусоидат кард. Онҳо ба Россия рафта, зуд ба майдони муборизаи шадиди сиёсӣ медаромаданд, дар роҳи муборизаи фаъолонаи зидди золимон дарси муҳим мегирифтанд ва бисёр вақт дар ҳамон ҷойҳо ба партияи болшевикон аъзо мешуданд. Албатта, ҳамаи коркунони ақибгоҳро якхела гуфта ҳисоб кардан нодуруст мебуд. Қисми болонишини онҳо, ки аз амалдорони хурди подшоҳӣ ва намояндагони рӯҳониён иборат буданд, ҳамаи чораҳоро медиданд, ки коркунони ақибгоҳ бо коргарони рус ва украин алоқадор нашаванд. Аксар вақт аз рӯйи маълумоти онҳо коркунони ақибгоҳро ҳабс ва маҳкум мекарданд.

Аммо ҳамаи чораҳое, ки ҳукумати подшоҳӣ ва дертар Ҳукумати Муваққатӣ, буржуазияи миллӣ ва рӯҳониёни мусулмон барои мардикорони ақибгоҳро, инчунин меҳнаткашони миллатҳои маҳаллиро, аз таъсири идеяҳои болшевикӣ нигоҳ доштан медиданд, натиҷаи дуруст набахшид.

Мана, як мисоли ҷолиби диққат. Дар солҳои мардикоргирӣ дар қатори дигарон ҳукуматдорони подшоҳӣ Ҷӯра Зокиров ва Абдуқодир Раҳимбоевро ҳам ба кори ақибгоҳ ба Россия гирифта рафтанд. Ҷӯра Зокиров ба заводи шаҳри Бердянск (ҳозир шаҳри Осипенко) афтод. Дар ин ҷо на фақат бо ғояҳои ленинии сотсиал-демократӣ шинос шуд, балки ба дурустии онҳо имони комил пайдо кард. Пас дар байни дигар мардикорони осиёимиёнагӣ фаъолона ташвиқоту тарғибот бурд. Ӯро ҳатто ба депутатии шӯрои шаҳри Бердянск номзад ҳам карданд.

Фаъолияти Абдуқодир Раҳимбоев ҳам чунин буд. Вай ба шаҳри Харков ба заводи «Ширкати умумии электрикӣ» афтод. Баъдҳо Абдуқодир Раҳимбоев ба

[29] «Наша газета», № 121, Тошканд, с. 1917 (Дарё – маҳаллаи Сирдарё ба назар дошта шудааст).

ёд меовард, ки чӣ гуна ба маҷлисҳои коргарони русу украин мерафт, чӣ гуна онҳоро бо ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна шинос мекард ва худаш ҳам чӣ гуна аз воқеияти Россия ва Украина воқиф мегардид: «Ман ҳамон вақтҳо саводи дуруст надоштам, хусусан саводи аврупоӣ надоштам; аммо забони аврупоиро надонам ҳам ҳаракат мекардам, ки ҳамаи гапҳои дар маҷлисҳо мешудагиро фаҳмида гирам ва худам барои дигар дӯстони туркистониам тарҷумонӣ ҳам мекардам». Коргарони русу украин ба вай рӯзнома хонда воқеаву ҳодисаҳои замонаро фаҳмонда медоданд, худи Раҳимбоев бо ташкилоти болшевикон алоқаи мустаҳкам дошт ва бо ҳидояти ячейкаи партиявии завод дар намоишу митингҳо иштирок мекард.[30]

Маълум ки вақте Зокиров, Раҳимбоев ва дӯстони онҳо, ки дар кӯраи ҳодисаҳои револютсионии қисми аврупоии Россия обутоб ёфта буданд, ба шаҳру деҳоту авулҳои худ баргаштанд, дарсҳои оид ба ҳамкорию ҳамфикрии синфии дар он ҷойҳо гирифтаи худро зуд ба кор бурданд. 25 майи соли 1917 дар Хуҷанд ба муносибати бозгашти мардикорон митинг шуд ва иштирокчиёни он Шӯрои депутатҳои мардикорони коргарро интихоб карданд. Ҷӯра Зокиров, Абдуқодир Раҳимбоев, ки дар фаъолияти ташкилотҳои револютсионӣ мақоми намоён доштанд, аъзои Президиуми ин Шӯро шуданд.

Асосан ба шарофати ғайрату хизмати мардикорони ба Россия рафта омадагӣ моҳи июни соли 1917 дар Хуҷанд Шӯрои интернатсионалии меҳнаткашон таъсис ёфт ва чор депутати он ба ҳайати Шӯрои депутатҳои коргарон ва аскарони шаҳр ҳамчун вакил фиристода шуданд.[31] Ин гуна ҳодисаҳо ба бисёр дигар маҳалҳои Туркистон ҳам хос буданд.

Ташкилотҳои болшевикӣ, ки дар шаҳрҳои Осиёи Миёна пайдо шуда буданд, ба иттифоқҳои меҳнаткашони маҳаллӣ, «Иттифоқ» ва Шӯрои депутатҳои мусулмонон бештар таъсир мегузаронданд. Пролетарҳо, деҳқонон ва ҳунармандони меҳнаткаш аз миллатҳои маҳаллӣ торафт бисёртар ба сафи партияи болшевикӣ медаромаданд. Дар ин бобат баҳои комитетҳои партиявӣ ба аввалин болшевикони миллатҳои маҳаллӣ басе ҷолиби диққат аст: «Пролетарҳои асил, ки фақат бо меҳнати худ зиндагӣ мекунанд, онҳо бо шавқу рағбати бағоят калон, бо ёрии тарҷимонҳо, идеяҳои сотсиал-демократияро гӯш карда, фаҳмида мегиранд; бо қувваи фаросати пролетарӣ... нуктаҳои асосии ҳаракати коргариро аз худ мекунанд. Онҳо ба сафи партия дохил шуда, аъзои боғайрат мешаванд, вазифаҳои худро бо майли тамом иҷро мекунанд»[32].

Съезди II кишварии ташкилотҳои РСДРП-и Туркистон, ки моҳи июли соли 1917 дар Тошканд кушода шуду ба кори байни мусулмонон махсус диққат дод, дар ин бобат аҳамияти калон дошт. Дар резолютсияҳои съезд зарурати «аз банди ғояҳои клерикалию буржуазӣ раҳо додани мусулмонон, ҳамчунин равшан кардани худшиносии пролетариати мусулмон» қайд шуда буд.

На фақат дар шаҳрҳо, балки дар деҳоти Осиёи Миёна ҳам авҷ гирифтани муборизаи шадиди синфӣ, дар маҳалҳои гуногун таъсис ёфтани Шӯроҳои револютсионию демократии мусулмонони меҳнаткаш, ки бо Шӯроҳои

[30] «Очерки истории Коммунистической партии Туркестана», вып. II, 1959 с. 35,
[31] Дар ҳамон ҷо, с. 38–39.
[32] «Победа Великой Октябрьской социалистической революции в Туркестане». Сб. документов. 1947, с. 41.

депутатҳои коргарон ва аскарон муттаҳид мешуданд ё амалиёти худро бо он мутобиқ менамуданд, шиору программаи РСДРП-ро комилан тарафдорӣ мекарданд – ҳамаи ин падидаҳо гарави муҳим ва бурҳони қотеъи ҳамин буданд, ки табақаҳои васеи аҳолии Туркистон бо миллатчиёни буржуазӣ, ҷадидҳо, пантуркчиҳо не, балки ба ҳимоятгарони содиқи кори халқ – болшевикон пайравӣ мекунанд. Агар дар давраи револютсияи соли 1905 дар байни миллатҳои маҳаллӣ танҳо ягон-ягон кас бевосита кори револютсионӣ мебурда бошад, ҳоло садҳо тоҷикон, ӯзбекон, қазоқон, туркманҳо, қирғизҳо ва намояндагони дигар халқҳои Осиёи Миёна ба сафи партияи болшевикӣ дохил мешуданд. Дар зери роҳбарии партияи болшевикӣ иттифоқи пролетариати рус бо меҳнаткашони миллатҳои мазлум ташкил меёфт.

Дар арафаи револютсияи февралии буржуазӣ-демократӣ партияи мо доир ба масъалаи миллӣ назарияи аз тарафи В.И.Ленин чуқур асоснок кардашудае дошт, ки ин дар кори бомуваффақият ташкил ёфтани иттифоқи пролетариати рус бо меҳнаткашони миллатҳои мазлум бисёр кумак расонд. Ташкилотҳои партиявӣ дар кори худ, ки байни меҳнаткашони миллатҳои маҳаллии гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла, байни меҳнаткашони Осиёи Миёна мебурданд, чунин асарҳои В.И.Ленинро, монанди «Мулоҳизаҳои танқидӣ оид ба масъалаи миллӣ», «Дар бораи ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо», «Револютсияи сотсиалистӣ ва ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо», «Ҷамъбасти мубоҳиса дар бораи худмуайянкунӣ», ки дар солҳои 1913–1916 навишта шуда буданд, ба роҳбарӣ мегирифтанд.

Қисми зиёди халқи тоҷик, ки дар аморати Бухоро сукунат дошт, аз нуқтаи назари ба револютсия ҳамроҳшавӣ дар шароити на чандон мусоид буд. Агарчанде ки амир Олимхон дар телеграммаи худ ба номи генерал-губернатори Туркистон Куропаткин ба муносибати хушӣ ба хушӣ ва ба тариқи тамоман осоишта ба сохти нав гузаштани тамоми Туркистон мамнунияти самимона изҳор карда буд, ё худ агарчанде ки Агентии сиёсии императорӣ дар Бухоро бо қарори Ҳукумати Муваққатӣ Резидентии Россия номида шуда буд, дар аморати Бухоро аслан ягон дигаргуние ба амал наомад. Дар ин мобайн дар аморат дар маҳалҳои руснишин вазъият якбора тезутунд шуд. Ҳанӯз 8 марти соли 1917 вақте хабари суқути подшоҳ ба ин ҷойҳо расид, коргарони роҳи оҳани стантсияи Когон митинги калон оростанд, ки дар он шаш ҳазор одам иштирок кард. Дар ин митинг болшевик П.Г.Полторатский нутқи оташин эрод намуд. Пас аз ин дере нагузашта меҳнаткашони маҳаллӣ яроқу аслиҳаи политсайҳоро кашида гирифтанд ва маҳбусони сиёсиро озод карданд. Дар телеграммаи бадвоҳимаи гумоштаи сиёсии Россия дар Бухоро Миллер, ки ба Тошканд, ба генерал-губернатор Куропаткин фиристода буд, гуфта мешуд: «Коргарони сершумори рус, ки дар заводҳои пахтаву равғани Бухоро кор мекунанд ва коркунони роҳи оҳани Осиёи Миёна ва Бухоро ба таъсиси муассисоте шурӯъ карданд, ки аз рӯйи гуфтаи онҳо бояд ҷойи муассисаҳои политсия ва аз афти кор, ҷойи дигар муассисаҳои давлатии моро гиранд».[33]

Ҳукумати Муваққатӣ мекӯшид инони вазъиятро ба даст гирад. Моҳи майи соли 1917 дар Когон, Чорҷӯй, Тирмиз, Каркӣ комитетҳои иҷроия ташкил шуданд, ки бояд ба маҳалҳои руснишин роҳбарӣ мекарданд. Дар аввалҳои

[33] ЦГА Узб. ССР, И. 3, оп. 2, д. 514, л. 100.

моҳи май дар Бухоро съезди вилоятии ин комитетҳо Комитети вилоятӣ таъсис кард, ки ба Комитети туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ тобеъ буд.

Дар баробари ин органҳои ҳокимияти халқӣ – Шӯроҳои депутатҳои коргарон ва аскарон ташкил мешуданд. Ба қавли прокурори суди округии Самарқанд, шӯроҳо на фақат бо масъалаҳои сиёсати хориҷию дохилӣ, балки бо масъалаҳои ҳаёти рӯзмарра, алалхусус, масъалаи озуқа ҳам «машғул» мебошанд. «Шӯроҳои депутатҳои коргарон ва аскарон дар пеши мардум эътибори баланд доранд, онҳоро муассисаҳои давлатӣ ва ашхоси расмӣ ҳам эътироф мекунанд. Эътибори комитетҳои иҷроия (яъне органҳои Ҳукумати Муваққатӣ – Б.Ғ.) камтар аст. Ин комитетҳо дар қатори Шӯроҳои депутатҳои коргарон ва аскарон амал кунанд ҳам, ҳеҷ обрӯ надоранд. Сабаб бояд ҳамин бошад, ки ин комитетҳо мисли Шӯроҳои коргарон ва аскарон он қудрати реалие надоранд, ки барои дар ҳаёт ҷорӣ намудани қарорҳои худ истифода баранд»[34]. Чӣ тавре мебинем, прокурори Самарқанд дидаи бино доштааст. Органҳои ҳокимияти халқ бар ташкилотҳои сунъии буржуазию эсеру меншевикӣ афзалияти калон пайдо мекарданд.

Ташкил ёфтани Шӯрои депутатҳои коргарон ва аскарон, болоравии кайфияти револютсионӣ дар шаҳрҳои Осиёи Миёна ба оммаи халқи тоҷик дар аморати Бухоро рӯҳи револютсионӣ мебахшиданд. Аммо ба гӯшаю канори дурдасти давлати хонӣ дар он вақт хабарҳои ҳаққонӣ дар бораи револютсияи феврал ҳанӯз рафта намерасиданд.

Табақаи пролетарии аҳолии маҳаллӣ ҳанӯз камшумор буд. Деҳқонон ба муллоҳо бовар мекарданд, онҳо аз ҷиҳати сиёсӣ ниҳоятдараҷа қафомонда буданд. Унсурҳои иртиҷоӣ қисми зиёди аҳолии маҳаллиро дар таъсири худ нигоҳ медоштанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳамон вазъияте ки аморати Бухороро фаро гирифта буд, таъсири зӯри револютсия мушоҳида карда мешуд, дар байни меҳнаткашон хашму ғазаб аз беҳуқуқӣ дар аморат ва бедодгариҳои амиру муқаррабонаш торафт меафзуд.

Ҷадидони Бухоро ҳам ба ҷунбиш даромада буданд, аммо онҳо барои гузаронидани ягон хел ислоҳоти асосӣ, ки ба манфиати халқ равона шуда бошад, ҳаргиз намекӯшиданд. Ҷадидон ба амир талаботи қатъӣ пешниҳод накарданд ва бо як эҳтиёткории калон «азҳадгузариҳоро» дар системаи ҳукуматдории амир маҳкум мекарданду бас. Онҳо ҳаргиз нияти сарнагун кардани амирро надоштанд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки бо ёрии Ҳукумати Муваққатӣ дар системаи ҳукуматдорӣ баъзе ислоҳоти ночиз даровარда дар корҳои давлатӣ худҳошон ҳам иштирок намоянд.

Амири Бухоро барои ором кардани халқ ва мустаҳкам кардани пояи давлати худ 7 апрели соли 1917 дар бораи «ислоҳот» манифест баровард. Дар ин манифест ба ғайр аз ваъдаҳои хушку холии умумӣ чизе набошад ҳам, ҷадидони Бухоро ба ваҷд омаданду бо шиори «Зинда бод амири озодидӯст» ба намоиш баромада, изҳори миннатдории тамаллуқкоронаи худро ба амир ифода карданд. Аммо, азбаски ҳукуматдорони амир ҳатто ҷадидони хушомадгӯйро ҳам «револютсионерон»-и хатарноктарин ҳисоб мекарданд, баъди намоиш онҳоро ба таъқибкунӣ даромаданд. Махсусан мардуми

[34] «Подготовка и проведение Великой Октябрьской социалистической революции», Сб. документов, 1947, с. 117.

меҳнаткаш ва ходимони ҳақиқатан тараққипарвари аморати Бухоро ба таъқиботи сахт дучор гардиданд.

Дар ин рӯзҳо ҳамаи зиндонҳо аз бандиён пур буданд. Ҷаллодони амири Бухоро дар кӯчаҳо ҳатто одамонеро ҳам медоштанд, ки сарулибосашон назар ба ақидаи онҳо «ба рӯҳи мусулмонӣ» муносиб набудааст. Гурӯҳ-гурӯҳ одамони бегуноҳ ҳар рӯз ба марги пуразоб гирифтор мешуданд. Садҳо одамонро бо андак шубҳа чӯб зада ҷазо медоданд. Бо фармони амир С. Айниро дастгир карда 75 чӯб мезананд ва ба зиндон мепартоянд. Ӯро аскарони револютсионии рус, ки аз Бухоро гузашта ба хонаҳошон мерафтанд, аз марг халос мекунанд. Ҳукумати Муваққатӣ барои маҳдуд кардани қатлу куштори ваҳшиёнаи амири Бухоро чорае намедид. Резидентии Россия, ҳам, ки намояндагии дипломатии Ҳукумати Муваққатӣ дар назди амир ҳисоб меёфт, нисбат ба бедодгарии ҷаллоди хунхор – амир Олимхон бепарво буд.

Иртиҷоъ дар Бухоро муваққатан тантана кард. Аммо рӯҳи револютсионии оммаи меҳнаткаш рӯз ба рӯз болотар мешуд.

* * *

В.И.Ленин дар «Тезисҳои апрелии» машҳури худ чунин вазифаи нав мегузорад: «...Аз марҳилаи якуми револютсия, ки дар натиҷаи ба қадри кифоя шуурнок ва муташаккил набудани пролетариат ҳокимиятро ба буржуазия додааст, ба марҳилаи дувуми вай гузаштан аст, ки ин марҳила бояд ҳокимиятро ба дасти пролетариат ва камбағалтарин табақаҳои деҳқонон диҳад».[35]

Россия дар арафаи револютсияи нав, револютсияи сотсиалистӣ меистод. Партияи болшевикон синфи коргар ва деҳқонони камбағалтарини ҳамаи халқҳои Россия, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёнаро барои ба амал баровардани ин револютсия тайёр мекард.

## 4. МАОРИФПАРВАРӢ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК (НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX)

### Маорифпарварӣ дар нимаи дувуми асри XIX – ибтидои асри XX

Ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба равнақи маданияту санъату адабиёт объективона мусоидат кард. Олимони тараққипарвари Россия дар бобати тадқиқи иқтисодиёт, этнография, таърих, забон, адабиёт, сарватҳои табиӣ ва ғайраи Осиёи Миёна хизмати калон карданд.

Бисёр мутафаккирон ва шоирони Осиёи Миёна аз намояндагони зиёиёни пешқадами Россия сабақ мегирифтанд. Тадриҷан адабиёти кишвар ҳам пеш рафт. Дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккири шаҳири он солҳо Аҳмад Маҳдуми Дониш, мулаққаб ба Аҳмади Калла (1827–1897) таъсири маданияти пешқадами Россия калон аст.

Аҳмади Дониш яке аз фозилтарин одамони Бухоро ба шумор мерафт. Ӯ дар бораи худ ба таври ҳаққонӣ навишта буд, ки дар симои як шахс духтур,

---

[35] Ленин В.И., Асарҳо, ҷ. 31, с. 4.

шоир, мусиқачӣ, рассом, мунаҷҷим, олим ва хаттотро муҷассам намудааст. Аҳмади Дониш ба ивази озодфикрӣ ва ақидаҳои танқидиаш ба «кофирӣ» ном баровarda буд. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, дониш ва маълумоти фавқулодаи ӯ амирро маҷбур мекард, ки ба вай бо назари эътибор нигарад. Аҳмади Дониш ба сифати котиби сафорати амир се маротиба ба Петербург сафар карда буд. Шиносоӣ бо Россия ва маданияти рус дар тамоми ҳаёт ва фаъолияти ӯ роли ҳалкунанда бозид. Дар ҳамон шароити таърихие, ки Аҳмади Дониш умр ба сар мебурд, барои алоқа пайдо кардан бо одамони пешқадами Россия имконият надошт ва ба пояи ҳалли револютсионии масъалаи дигаргун кардани тарзи зиндагонӣ расида наметавонист. Ӯ дар ибрози мақсад ва орзуҳои сиёсии худ ба шиори хаёлпарастонаи подшоҳи маърифатнок рӯ меовард. Ба ақидаи вай, агар амир ба фоидаи маорифи халқ «бовар кунонда шавад», гӯё худи ҳамин барои ба тарзи нав сохтани ҳаёти воқеии Бухоро кофист. Лекин, дар айни замон, Аҳмади Дониш барои таъсис намудани идораҳои машваратӣ ва ба ин восита маҳдуд гардонидани яккаҳукмронӣ баромад мекард. Рӯҳи тамоми гуфтаҳои ӯро меҳру муҳаббат нисбат ба халқ ва ғамхорӣ барои саодатмандии он фаро гирифтааст. Аҳмади Дониш асли моҳияти ҳукумати мутлақаи Россияро дарк карда натавониста бошад ҳам, аммо Россияро бо Бухоро муқоиса карда, табиист, ки аз маданият, саноат ва шаҳрҳои рус ба ваҷд меомад.

Муҳимтарин асари Аҳмади Дониш рисолаи «Наводир-ул-вақоеъ» мебошад, ки аз маҷмӯи порчаҳои илмии фалсафӣ, публисистӣ ва бадеӣ фароҳам омадааст. Аҳмади Дониш дар ақидаҳои фалсафии худ дар мавқеи идеалист монда, монанди Абӯалӣ ибни Сино ва Умари Хайём ба таълимоти абадияти олам ва офарида нашудани он мухлис будани худро низ изҳор доштааст, ки ин дар шароити онвақтаи пуртаассуби Бухоро ҳамаи пояҳоро ба ларза медаровард. Ӯ дар рисолаи оид ба таърихи ҳукмронии сулолаи Манғитияи Бухоро, ки ба тариқи пинҳонӣ паҳн гардида буд, Бухорои феодалиро ба зери танқиди сахт гирифта, ошкоро гуфтааст:

«Бас, агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ фосиқе, золиме, саффоке; ва қозӣ марди мурташии ҳаромхоре, ғосибе; ва раис к... бедиёнате ва асас мухаммир ва муқаммир, саргурӯҳи роҳзанон ва саркардаи сориқон мебуд»[36].

Вай ҳамчунин пешбинӣ карда буд, ки наҷот аз зулму истибдод фақат бо ёрии халқи рус муяссар хоҳад шуд.

Тамоми одамони боистеъдоду поквиҷдони он солҳои Бухоро дар атрофи Аҳмади Дониш гирд меомаданд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ хеле зиндаву таъсирбахш ба қалам медиҳад, ки чӣ тавр Аҳмади Дониш ба тадриҷ худро аз дарбор дур мекашид ва дар атрофи худ одамонеро ҷамъ мекард, ки кӯшиш доштанд мардумро аз банди ҷоҳилӣ ва бенавоӣ раҳо диҳанд.

Ба ин тариқа фикру ақидаҳои Аҳмади Дониш, бо вуҷуди он ҳама маҳдудиятҳои синфии худ, нисбат ба он замон ақидаҳои пешқадам ва прогрессивӣ буданд. Бузургтарин хизмати Аҳмади Дониш аз ин иборат аст, ки ӯ тавонист дар атрофи худ як гурӯҳ пайравон – маорифпарварони асри XIX тоҷикро муттаҳид кунад.

Абдулқодирхоҷаи Савдо (ваф. 1874), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1828–1894), Исо Махдуми Бухороӣ (1826–1887), Шамсиддин Маҳдуми Шоҳин (1857–

36 Аҳмади Дониш, 1959, с. 72.

1893), Ҳайрати Бухороӣ (1876– 1902) барин шоирони маҳфили Аҳмади Дониш ҳарчанд шоирони забардасти охири асри XIX буданд, вале аз ҷиҳати ақидаву мафкура ба дараҷаи ин мутафаккири бузург расида натавонистанд.

Ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна дар вилояти Фарғона, ки аз ҷиҳати тараққиёти саноат нисбатан пеш буду бархилофи аморати Бухоро худ ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил мешуд, ба инкишофу равнақи ақидаҳои ҷамъиятию сиёсии ходимони ин кишвар хеле мусоидат намуд. Дар атрофи шаҳру деҳоти аҳолии маҳаллӣ пайдо шудани маҳаллаҳои русҳо, алоқаву робита бо русҳои тараққипарвар ва револютсионерони рус, ки ба хоки кишвари Туркистон бадарға шуда буданд, шиносоӣ бо ҳаракатҳои револютсионии Россия дар охири асри XIX, сохтмони роҳи оҳан ва зиёдшавии рафтуомад ба ноҳияҳои марказии Россия ва ғайра ба адабиёти маорифпарваронаи нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX хеле таъсир карданд. Намояндагони пешқадами ин гуна адабиёт дар вилояти Фарғонаи кишвари Туркистон – Муқимӣ, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода, Дилшод ва Анбаротун буданд.



Камбағалони шаҳр. Асри XIX

Дар эҷодиёти Муҳаммадаминхоҷаи Муқимӣ (1850–1903) ҳаҷв мақоми намоён дорад. Муқимӣ маҳз бо тавассути ҳаҷв беинсофию бедодию худсарию золимии амалдорони идораҳои подшоҳӣ, заводчиҳо, соҳибони фабрикаҳо, риёкорӣ, муфтхӯрӣ ва ҷоҳилию нодонии муллоҳоро фош мекунад.

Зокирҷон Фурқат (1858–1909) ба Россия, ба маданияти рус ҳусни таваҷҷуҳи махсус дошт, дӯстию рафоқати халқи рус ва халқҳои Осиёи Миёнаро доимо тарғибу ташвиқ мекард.

Эҷодиёти шоири маорифпарвар Ҳамза Ҳакимзода (1889–1929) баъди револютсияи якуми Россия хеле равнақу ривоҷ ёфт.

Омилҳои асосии ташаккули ақидаҳои пешқадами маорифпарварони халқҳои тоҷик ва ӯзбек зиндагии вазнини халқҳои Осиёи Миёна ва шиносо шудани шоирону мутафаккирони Осиёи Миёна бо марказҳои илмию мадании Россия ҳам дар худи ҳамин ҷо, яъне Туркистон ва ҳам дар маркази ин мамлакати бекарон буд. Дар ташаккули ақидаҳои ҷамъиятию сиёсии Дилшод (1800–1905/06) ва Анбаротун (1874–1908/09) низ ин омилҳо яке аз омилҳои муҳимтарин буданд.

Дилшод ва Анбаротун мисли тамоми дигар равшанфикрон худсарию бедодии ҳукуматдорон, ҳокимияти ваҳшиёнаи феодалҳо, истисмори гӯшношуниди халқро маҳкум карда тавонистанд. Онҳо риёкорӣ, ҳарисӣ, фосиқӣ, ҷоҳилӣ ва бераҳмии бойҳоро фошу ошкор карда, муфтхӯрон, молимардумхӯронро зери ҳаҷви сахт мегирифтанд.[37]

## 5. АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ИБТИДОИ АСРИ XX

### Фаъолияти адибони пешқадами тоҷик

Дар ибтидои асри XX фаъолияти баъзе адибони пешқадами тоҷик басо вусъат ёфт. Ҳайрат, Саҳбо, Асирӣ, Айнӣ ва баъзе дигарон аз ҷумлаи он адибон буданд. Шиносоӣ бо адабиёти рус ба эҷодиёти онҳо таъсири бузург расонд.

Ҳайрат (1878–1902) шоири боистеъдод ва ғазалсарои забардаст буд. Аммо шаклу мазмуни куҳнаи назм ба Ҳайрат тангӣ мекарданд ва ӯ дар назм роҳҳои нав меҷуст. Дар ҳаёти тираву тори аморати Бухоро вай нури умеде надида, рӯҳафтода шуд ва дар эҷодиёташ ҳам оҳангҳои яъсу ҳузну ғаму андӯҳ хеле афзуд. Вале гуфтан даркор, ки Ҳайрат шеърҳое низ дорад, ки дар онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ равшан ба назар мерасанд ва шоир дар ин шеърҳояш халқро ба маърифат даъват намуда, дар роҳи беҳбудии мардум ҷаҳд карданро сифати олии инсон мешуморад. Саҳбо худаш амалдори олимартаба буд, унвони тӯқсабо дошт. Аммо авомфиребию ҳарисию ҷоҳилии дарбориён ва амалдорони амир ба ин шоири поквиҷдон маъқул нашуд. Саҳбо аз дарбор рафт. Ашъори вай асосан лирикӣ бошад ҳам, вале ҳаҷви сахт ҳам бисёр ба назар мерасад. Соли 1918 Саҳбо бо фармони амир барои иштирок дар неҳзати озодихоҳии халқ ба қатл расонида шуд.

Тошхӯҷа Асирӣ (1864–1915) дар Хуҷанд зиндагонӣ мекард. Бо косибӣ камбағалона рӯз мегузаронд, касбаш сангиосиётарошӣ буд. Асирӣ шоири

[37] Муфассал дар бораи онҳо ниг.: Мухторов А., 1969.

инсондӯст буд ва мегуфт, ки вазифаи адабиёт тавсифи ақлу дониш аст. Асирӣ дар ашъораш бою муллоҳои риёкорро сахт танқид карда, онҳоро «худозадагони роҳи дин» меномад ва дар ҷойи дигар мегӯяд: «Ҳама хумории майхонаи шароратанд, чӣ муҳтасиб, чӣ мударрис, чӣ қозию, чӣ раис».[38] Дар як шеъраш Асирӣ менависад:

Оҳ, аз ин ҷинси наҷосаттинатони зӯҳдкеш,
Ҷуз ба оби теғ натвонӣ мутаҳҳар доштан.
Анкабутонанд ҳангоме, ки гиранд эътикоф,
Сайди мазлуме ғараз дар зери чодар доштан.
Суфпӯшонанд, аммо дар ғами дебои Рум,
Аз кулоҳ ин ҷо ҳавои зеби қайсар доштан.
Ҷумла тарророни роҳи дину имони туанд.
Чашм бар ҳамёни симу кисаи зар доштан.
Аз сару кори намозу рӯзаи эшон мапурс!
Хешро дар зери бори охират дар доштан.[39]

Асирӣ тарғиботчии фаъоли илму дониш буд ва ақидае дошт, ки бо роҳи маърифат халқро аз ҷаҳолат ва таассуби динӣ раҳо додан мумкин аст. Вай имони комил дошт, ки мактабҳои дунявӣ, илму маданият мардумро хушбахт карда метавонанд. Масалан, вай дар як шеъраш мегӯяд:

Шуморо шояд акнун ҷаҳд кардан,
Ғами ислоҳи кори хеш хӯрдан,
Макотибҳои нав эҷод кардан,
Раҳи дарси наве иршод кардан,
Қироатхонаҳо барпо намудан,
Мақоми маслиҳат иншо намудан,
Ба авлоди азиз миннат ниҳодан,
Ба нури дидагон фан ёд додан,
Сару кори дигар бояд гирифтан
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан,
Сари худ дар ҳама сӯрох хастан,
Зи ҳар дар роҳи истиқбол ҷустан.[40]

Садриддин Айнӣ (1878–1954) ҳам аз адибони тараққипарвари он давра буд, ки соли 1909 аввалин китоби дарсии дунявӣ «Таҳзиб-ус-сибён»-ро таълиф кард. Дар ҳамон солҳо Айнӣ бисёр шеърҳое навишта буд, ки ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ бахшида шудаанд.

---

[38] Раҷабов З.Ш., 1974, с. 45.
[39] Дар ҳамон ҷо, с. 44.
[40] Дар ҳамон ҷо, с. 44.



Устохонаи наҷҷор. Асри XIX

Тамоми адибони мазкур дар эҷодиёти худ хусусиятҳои мусбати маорифпарварии Аҳмади Донишро маҳфуз дошта, бо роҳи маърифат ба халқ хизмат мекарданд, аморатро зери танқид мегирифтанд ва бо Россия алоқаву робита карданро ташвиқ менамуданд. Вале бояд қайд кунем, ки онҳо фаъолияти маорифпарварии худро бо вазифаю талаботи револютсия, ки рӯз аз рӯз вусъат меёфт, мутобиқ карда натавонистанд, ба ҳамин сабаб, ақидаи онҳо ва, умуман, фаъолияти онҳо ба андозае маҳдуд ва либералӣ буд. Зиёда аз ин баъзе аз ин адибон пайрави идеологияи ҷадидизм шуданд. Тадриҷан, адибони равшанфикр ва дилсофу поквиҷдон ба андозаи ривоҷи револютсия боварӣ ҳосил карданд, ки ба кӯчаи ҷадидӣ даромада, хато рафтаанд. Онҳо бо мурури замон фаҳмиданд, ки фақат партияи коммунистӣ қудрат дорад ба халқ озодии ҳақиқӣ ва маърифат оварад. Ба қавли устод Айнӣ, партия ӯро ва ӯ барин бисёр зиёиёни поквиҷдони ҷӯяндаро «аз ботлоқи ҷадидизм берун кашид». Ин қабил одамони ботинан тараққипарвар ҷадидиро қатъиян тарк карда, ба мавқеи бинокори сотсиализм, ба мавқеи маърифати коммунистии халқ қарор мегирифтанд.

# ФЕҲРИСТҲО

# ТАВСИФИ САРЧАШМАҲО

Мадракҳои археологӣ барои таҳқиқи таърихи сохти ҷамоаи ибтидоӣ дар Осиёи Миёна (бо баназаргирии маълумот оид ба ноҳияҳои муштарак) сарчашмаи асосӣ ба шумор меравaнд. Барои аниқ кардани муҳити атроф маълумоти палеографӣ ва геологӣ мадад мерасонад. Баъзе унсурҳои маданияти маънавии одамони аҳди қадим дар фолклор, этнография ва забони халқҳо боқӣ мондаанд. Гирдоварӣ ва истифодаи маҷмӯи маълумотҳо, баҳаммуқоисакунии онҳо имконият медиҳанд бо таърихи қадим ошно гардида, тарҳи умумии инкишофи ҷамоаҳои қадимтарини одамон дар ҳудуди Осиёи Миёна муайян карда шаванд. Хусусан аз он сабаб, ки ҳоло истеҳсолоти моддӣ бештар таҳқиқ шуда, масъалаҳои иҷтимоӣ ва идеология ба таври бояду шояд мавриди тадқиқ қарор нагирифтаанд. Чуноне ки К.Маркс навишта буд, «чи тавре ки боқимондаҳои устухонҳо барои тадқиқи намудҳои ҳайвонҳои ҳафриётӣ аҳамият дошта бошанд, боқимондаҳои воситаҳои меҳнат, ҳам барои таҳқиқи форматсияҳои барҳамхӯрдаи ҷамъиятию иқтисодӣ ҳамон қадар аҳамият доранд»[1].

Муҳаққиқони таърихи Осиёи Миёна ҳангоми тадқиқи давраи парокандашавии сохти ҷамоаи ибтидоӣ бидуни манбаъҳои дар боло зикргардида дар ихтиёри худ боз маълумотҳои қисмҳои қадимтарини осори ҳиндӣ – «Ведаҳо» ва форсии «Авесто»-ро доранд.

Ҳангоми таҳқиқи аҳди қадимтарин миқдори сарчашмаҳо хеле меафзояд.[2] Хусусан маъхазҳои гуногунмазмун зиёданд. «Авесто» манбаи муҳим ба шумор рафта, дар фаслҳои ҷудогонаи он роҷеъ ба тарзи зиндагӣ, маданият ва идеологияи халқҳои эронинажод, аз ҷумла (эҳтимол, пеш аз ҳама) халқҳои қадими Осиёи Миёна маълумот медиҳанд. Бисёр воқеаҳои сиёсӣ ва ҳаёти мадании халқҳои Осиёи Миёна дар катибаҳои шоҳони ҳахоманишӣ, ки рӯйи санг, асбобҳои филизӣ ба забони қадимии форсӣ ё дигар забонҳо сабт шудаанд, акс гардидаанд. Дар катибаҳо ва навиштаҷоти расмии сулолаҳои минбаъдаи эронӣ – Сосониён низ доир ба таърихи Осиёи Миёна мадракҳо мавҷуданд. Барои таърихи давлати Кушониён катибаҳои бохтарии аз Сурхкӯтал (Афғонистон) ёфташуда хеле муҳим аст; навиштаҷоти ба забонҳои миёнаи ҳиндии аз Ҳиндустон, Афғонистон ва Осиёи Миёна бадастомада низ ба аҳамияти калон молик аст.

Дар таълифоти муаллифони юнонӣ ва римӣ оид ба таърихи сиёсӣ ва этникӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, маданӣ ва географияи таърихии Осиёи Миёна дар аҳди қадим маводҳо хеле фаровонанд. Муаллифони баъзе асарҳое, ки то ба замони мо расидаанд, дар Осиёи Миёна набуданд, вале аз қайдҳо ва хотироти ҳамватанони худ, – ҳарбиён, тоҷирон ва сайёҳоне, ки дар давраҳои гуногун ба ин кишвар сафар карда буданд, инчунин ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ истифода бурдаанд. Албатта, муаллифони қадим бевосита аз сарчашмаҳо истифода набурдаанд. Бинобар ин, дар асарҳои онҳо баъзе ноаниқӣ ё таҳрифи воқеаҳо дида мешаванд. Тақлид намудан ба анъанаҳои таърихнависии юнонию римӣ баъзан боиси нодуруст инъикос намудан ё баҳо додан ба воқеаю ҳодисаҳо мегардид. Қатъи назар аз ин сарчашмаҳои юнонию римӣ яке аз манбаъҳои муҳимми хаттӣ ба шумор мераванд ва аксар маълумоти гирдовардаи онҳо қимати калони илмиро дороянд. Бинобар ин, аз асарҳои Ҳеродот (а. V то м.), Ктесий (а. IV то м.), Ксенофонт (а. V то м.), Полибий (а. II то м.), Помпеи Трог (а. 1 то м., баъзе порчаҳои асари ӯ дар осори Юстин муаллифи а. II ё III милодӣ боқӣ мондааст), муаррихони охирҳои а. I то

---

[1] Маркс К. и Энгелс Ф. Соч. т. 23, с. 191.
[2] Тавсифи нисбатан мукаммали сарчашмаҳо оид ба таърихи қадимро ниг. дар: ИТН, т.I-III.

м. – а. II милодӣ– Квинт Куртсий Руф, Плутарх, Страбон, Арриан, инчунин асарҳои муаллифони минбаъда – Аммиан Марселлин, Прокопии Кесарӣ васеъ истифода бурда шудааст.

Баъзе маълумотҳои оид ба таърихи Осиёи Миёна дар сарчашмаҳои хитоӣ (аз чоряки охири а. II сар карда), ки баъди ба ин кишвар сафар кардани сафири хитоӣ Чжан-Сян боқӣ мондаанд, мавҷуданд. Инҳо мадракҳое мебошанд, ки дар солномаҳои сулолаҳои хитоӣ, хотироти сафирҳо, пиллиграммаҳо боқӣ мондаанд, яктарафа, субъективӣ буда, дар онҳо идеологияи сулолаи «хан» ва бузургдавлатӣ мавқеи калон дорад.

Барои таҳқиқи давраҳои алоҳидаи таърихи қадими Осиёи Миёна, хусусан ҳамон замоне, ки як қисми ин кишвар ва Ҳиндустон дар ҳайати як давлат буданд, сарчашмаҳои гуногуни ҳиндӣ, аз ҷумла катибаҳо аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Дар солномаҳои сурёнии а. VI (хусусан асари Иешу Стилит), осори муаррихони асрҳои IV–V арман (Егише Вардапет, Фавст Бузанд, Моисей Хоренский ва диг.), асарҳои ба забони форсии миёна– паҳлавӣ таълиф гардида оид ба таърихи қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осиёи Миёна маълумоти зиёд мавҷуд аст. Таърихи аҳди қадим ва асрҳои миёнаи Осиёи Миёна, дар асарҳои ба забони арабию форсӣ таълифшуда инъикос ёфтаанд (асари Табарӣ ва тарҷумаи тоҷикии он аз тарафи Балъамӣ, асари Берунӣ ва диг.). Аз ин ҷиҳат «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ қобили қайд аст.

Тавсифи вазъияти Осиёи Миёна дар арафа ва давраи ба ҳайати хилофати араб дохил шудани он дар адабиёти арабию форсӣ мавҷуд аст. Аз катибаҳои рунии қадимии туркӣ низ материалҳои муҳим пайдо кардан мумкин аст. Се архиви дорои ҳуҷҷатҳои маҳаллӣ кашф карда шудаанд: дар Нисо – портӣ (а. I то м.), дар Тупроққалъа–хоразмӣ (а. III м.), дар қалъаи Муғ – суғдӣ (а. VII м.). Инчунин миқдори зиёди катибаҳои дар рӯйи маснуоти гуногун ва осори санъат сабтшуда ба даст омаданд. Аҳамияти чунин маъхазҳои маҳаллӣ ниҳоят калон аст.

Умуман, манбаъҳои хаттӣ доир ба таърихи қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осиёи Миёна парокандаанд. Дар қисми асарҳои хеле дур аз Осиёи Миёна таълифгардида баъзе воқеаҳои таърихӣ нодуруст тасвир ё маънидод карда шудаанд. Давраҳои то қарнҳои милодӣ ва бисёр протсессҳои муҳимтарини таърихӣ ва таърихию маданӣ хеле кам ё тамоман инъикос нагаштаанд. Баъзе мадракҳоро аз материалҳои этнография, фолклор, забоншиносӣ, аз ҷумла этно ва топонимика, ономастика пайдо намудан мумкин аст; барои ҳалли масъалаҳои этногенез материалҳои палеонтропологӣ роли калон мебозанд. Вале марҳалаҳои инкишофи таърихи қадим ва асрҳои миёнаи Тоҷикистонро танҳо дар якҷоягии тадқиқи манбаъҳои хаттӣ бо материалҳои нумизматикию археологӣ муайян кардан мумкин аст. Мадракҳои нумизматикие, ки дар тӯли якуним аср дар асарҳои олимони рус, советӣ, инчунин хориҷӣ нашр гардидаанд, якҷоя бо манбаъҳои хаттӣ баъзе давраҳои сохти таърихи сиёсиро муайян менамоянд. Онҳо барои муайян кардани таърихи маданият, аз ҷумла, санъат ва идеология, аниқ намудани алоқаҳои тиҷоратӣ ёрии калон мерасонанд. Бисёр вақт сиккашиносӣ ягона манбаест, ки ин ё он воқеаро равшан мегардонад. Захираҳои манбаъҳои археологӣ оид ба Осиёи Миёнаи аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна хеле зиёданд. Масъалаҳои асосии таърихи қадим дар асоси таҳқиқи ин материал муайян карда мешаванд, ки вай на фақат барои масъалаҳои таърихи маданият (муайян намудани чиҳатҳои таърихи маданияти моддию маънавӣ, алоқаҳои вай), балки барои аниқ кардани тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, географияи таърихӣ, алоқаҳои иқтисодӣ, этногенез хеле муҳим аст.

Давраи ба ҳайати хилофати араб дохил гардидани Осиёи Миёна дар асарҳои муаррихони арабизабон тасвир

шудааст.[3] Дар ин ҷо пеш аз ҳама асари компилятивии ба таърихи умумиҷаҳонӣ оиди Табарӣ (ваф. 923) «Таърих-ар-русул ва ал-мулук», асари хеле муҳимми таърихии Балозурӣ (ваф. с 892) «Китоб футӯҳ-ул-булдон» (дар он роҷеъ ба юришҳои ҳарбии арабҳо маълумот ҳаст), таълифоти Ибни Асир (ваф. с. 1231), таърихи умумиҷаҳонии Яъқубӣ (ваф. с. 897) ва ғайраро номбар кардан зарур аст. Инчунин дар осори хитоию туркии қадим низ мадракҳо мавҷуданд.

Маводҳои тозае, ки ҳоло ба даст омадаанд, архиви аз қалъаи Муғ ёфтшудааст, ки он ҳуҷҷатҳои расмии ихшидҳои суғдӣ, муносибати ҳокимони Осиёи Миёна ва арабҳо ва мадракҳои археологиро дар бар магирад.

Таърихи давлатҳои Осиёи Миёна дар асрҳои IX–XIII дар манбаъҳои гуногуни хаттӣ ҳаматарафа инъикос шудааст. Бидуни асарҳои умумии тоҷикӣ, инчунин осори гуногуни ба забонҳои арабӣ ва форсӣ таълифёфтаро номбар кардан зарур аст: асари Гардезӣ, ки с. 1050 таълиф гардидааст; асарҳои ба ягон сулолаю ҳоким оид ва ё ёддоштҳо, ба монанди таълифоти Байҳақӣ (ваф. с. 1077); таърихи вилоятҳо ва шаҳрҳо (аз онҳо «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ муҳимтар аст); луғатҳои тарҷимаиҳолию ҷуғрофӣ (Самъонӣ, ваф. 1167; Ёқут, ваф. с. 1229), қомусҳо (муҳимтарини онҳо аз они Юсуфи Хоразмӣ, ох. а. X), маҷмӯи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва соҳаи ҳуқуқ.

Дар таълифоти ҷуғрофӣ, маълумотномаи маъмурию ҷуғрофӣ, тавсифи саёҳатҳо дорои маълумоти хеле бой мебошанд. Яке аз аввалин муаллифоне, ки тавсифи географии ноҳияҳои гуногунро боқӣ гузоштааст, Ибни Хурдодбеҳ (асараш с. 846/47 таълиф ёфта, с. 885/86 бори дувум таҳрир шудааст) буд. Муаррих Яъқубӣ ҷуғрофидон ҳам буд. Тақрибан с. 903 асари ба ҷуғрофия оиди Ибни Фақеҳ таълиф шуд. Дар солҳои минбаъда ҷуғрофидонҳо Ибни Русто (тақр. с 943), Ибни Фазлон (солҳои 921–922 ба Осиёи Миёна омада буд), Қудама (такр, с. 928), Масъудӣ (с-ҳои 947–950), Истахрӣ (тақр. с. 941), Ибни Ҳавкал ва Муқаддасӣ (нимаи дувуми а. X) асарҳои ҷуғрофии худро эҷод карданд. Вале асарҳои ба забони тоҷикӣ таълифгардида ҳам буданд. Асари муаллифи гумном «Ҳудуд-ул-олам» (с. 982–83), «Ҷаҳоннома»-и Баҳром (ибтидои асри XIII) аз қабили чунин асарҳоянд. Асарҳои мансуби дигар жанрҳо ҳам манбаъҳои муҳимми таърихӣ мебошанд. «Сиёсатнома»-ҳуҷҷати сиёсӣ, пандномаи охири асри XI, ибтидои асри XII, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (соли нимаи асри XII таълиф шудааст) «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт»-и Авфӣ (тақр с. 1228 навишта шудааст), асарҳои дигари илмию адабии ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ таълифёфта ба ҳамин гурӯҳи манбаъҳо дохил мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки аз ҷиҳати ҳудуд, хронология ва мавзӯъ ин маъхазҳо як хел нестанд. Масалан, таърихи давлатҳои Тоҳириён, Сомониён ва Ғазнавиён хеле муфассал тасвир шудааст, аммо доир ба таърихи Қарохониён маълумот хеле кам аст. Ё худ дар бораи иқтисодиёти асрҳои IX–X (хусусан оид ба обёрӣ, хоҷагии қишлоқ, савдо, топографияи шаҳрҳо, сарватҳои зеризаминӣ ва истихроҷи онҳо, андозҳо) маълумотҳо зиёданд, вале структураи ташкили ҳунармандӣ, ҳаёти шаҳриён, муносибатҳои иҷтимоӣ дар асрхои IX–XII дар маъхазҳо ҷойи намоёнро ишғол накардаанд.

Бинобар ин, дигар намудҳои манбаъҳо, хусусан мадракҳои нумизматикӣ ва археологӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд.

Таърихи Осиёи Миёнаро истило кардани муғулҳо дар асарҳои се ҳамзамони он воқеаҳо Ибни Асир, Ҷувайнӣ ва Насавӣ ҳаматарафа тасвир

[3] Тавсифи хеле хуби маъхазҳои оид ба таърихи Осиёи Миёнаи асрҳои IX–XII-ро В.В. Бартолд (1963 б, с.45–108) додааст. Беляев В.Н., 1939; Ромаскевич А. А., 1938, 1939; дар қисмати адабиёти ҷуғрофии арабӣ Крачковский И.Ю., 1957 иловаи он тавсифанд. Аз тавсифи умумӣ ва хеле муфид ниг.; Spuler B., 1952, XVI–XXXII; 1968, 100–168;

шудаанд. Тасвири пурраи воқеаҳои вобастаи ин замон дар «Таърихи ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ (с. 1260 таълиф шудааст) дода шудааст. Ин таълифот боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он таърихи Хоразмшоҳиён низ инъикос ёфтааст. Ҷувайнӣ аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла муғулӣ истифода кардааст. Дар таълифоти ӯ баъзан идеализатсияи ҳокимони муғул ба назар мерасанд. Умуман, ин асар барои ин давра сарчашмаи асосӣ мебошад. Асарҳои таърихии Рашидуддин ҳам хеле муҳиманд. Таълифоти энсиклопедияи таърихии ӯ «Ҷомеъ-ут-таворих» солҳои 1310–1311 ба охир расид. Тақрибан дар ҳамин давра Вассоф асари ба таърихи муғулҳо оиди худро эҷод кард. Каме дертар асарҳои ҷуғрофию таърихии Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ ба миён омаданд. Якчанд дигар асарҳо, хусусан таълифоти Ҷамол Қаршӣ (ибтидои асри XVI), маъхазҳои муғулӣ, арманӣ ва ғайраро номбар кардан зарур аст. Сайёҳони аз Хитой (Чан-чун), Аврупои ғарбӣ (Марко Поло ва диг.), мамлакатҳои мусулмонӣ ба Осиёи Миёна сафаркарда хотироти худро боқӣ гузоштаанд, ки дар онҳо маълумоти дақиқ оид ба ин кишвар мавҷуданд. Ҳуҷҷатҳои ба вақфи мақбара ва хонақоҳи Сайфуддини Бохарзӣ (1326–1333) оид хеле муҳиманд. Ҷабҳаҳои иҷтимоию иқтисодии таърихи худи Осиёи Миёна дар маъхазҳо мукаммал тасвир нагаштаанд. Бинобар ин, ҳиссаи таҳқиқоти нумизматикӣ барои муайян кардани ҳодисаю воқеаҳо ва ҷараёнҳои дар маъхазҳо акснаёфта хеле калон аст. Баръакс мадракҳои археологӣ доир ба ин замон камтаранд.

Дар аҳди Темур ва Темуриён асарҳои зиёди таърихӣ ба миён омаданд, ки аксари кулли онҳо ба забони тоҷикӣ, қисман ба забони арабӣ ва туркии қадим таълиф шудаанд. Асоситаринашон инҳоянд: «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ; «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ (с. 1404 ҳангоми дар ҳаёт будани Темур таълиф шудааст); асари ҳамноми Шарафуддини Яздӣ (с. 1424–25 таълиф гардидааст); таълифоти ҷуғрофию таърихии Ҳофизи Абрӯ (с-ҳои 1417–1425 тартиб дода шудаанд); асари таърихии Абдурраззоқи Самарқандӣ (соли 1470 ба охир расондааст); асари таърихии Мирхонд (охири а. XV) ва набераи ӯ Хондамир (с. 1524 ба охир расондааст). Аз асарҳои регионалӣ хусусан таълифоти Исфизорӣ оид ба таърихи Ҳирот ва вилояти он аҳамияти калон дорад, ки дар он оид ба иқтисодиёт хеле материалҳо фаровонанд. Асарҳои хусусиятҳои тарҷумаиҳолӣ доштае, ки тарзи зиндагӣ ва ҳаёти маънавии Осиёи Миёнаро инъикос кардаанд, хеле зиёданд. «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Бобурнома»-и Заҳируддини Бобур аз қабили чунин асарҳоянд. Маҳзарот ё ҳуҷҷатҳои қозигии ҳамон давра боқӣ монданд, ки аҳамияти бузурги сарчашмавӣ доранд. Маълумотҳои муҳим ва муфид дар қайдҳо ва хотираҳои сайёҳон, хусусан дар асари Рюи Гонзалес де Клавихо, ки ба дарбори Темур омада буд, боқӣ мондаанд.

Нумизматикаи ин давра пурра кор карда нашудааст, ҳарчанд ки баъзе масъалаҳои дар манбаъҳои хаттӣ акснаёфта таҳқиқ гардиданд (масалан, ислоҳоти пулии Улуғбек). Аз маданияти моддӣ ёдгориҳои меъморӣ бештар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Барои омӯзиши таърихи асрҳои XVI– XVIII сарчашмаҳои нақлӣ хеле зиёданд. Инҳо солномаҳои таърихии ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ таълифёфта мебошанд. Баъзе ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар давраҳои гузашта ҳам буданд, вале танҳо дар асрҳои XVI–XVIII миқдори онҳо хеле афзуд: ҳазорҳо ҳуҷҷатҳои гуногунмазмуни аз ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна бадастомада, архивҳо ва ғ. Ин ҳуҷҷатҳо доир ба таърихи иқтисодию иҷтимоӣ материалҳои бебаҳо доранд.

Аз миёнаи а. XVI сар карда муносибатҳои иқтисодию дипломатии Россия бо хониҳои Осиёи Миёна инкишоф ёфтанд. Дар ҳуҷҷатҳои идораҳои давлатӣ ва Вазорати корҳои хориҷӣ, қайдҳои боҷхонаҳо ва ведомостҳо, ҳисоботҳои сафирони рус, тоҷирон, асирони ҳарбӣ доир ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти мардуми Осиёи Миёна маълумотҳои гуногун мавҷуданд.

Қисми зиёди сарчашмаҳои гуногуни нақлии асрҳои XVII–XVIII бо супориши шоҳону ҳокимон тартиб дода шуда буданд. Масалан, бо супориши Нодирмуҳаммади Аштархонӣ соли 1634 Муҳаммад ибни Валӣ асари «Баҳр-ул-асрор фи-маноқиб-ул-ахбор»-ро тартиб дод. Ба ғайр аз ин, таърихи сулолаи Аштархониён дар асари Муҳаммадюсуфи Муншӣ «Таърихи Муқимхонӣ» акс ёфтааст.

Таърихи ибтидои асри XVIII дар асари Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ «Убайдуллонома» тасвир шудааст. Ин асар давоми «Таърихи Муқимхонӣ» ба шумор меравад. Давоми бевоситаи «Убайдуллонома» «Таърихи Абулфайз-хон»-и Абдурраҳмони Толеъ мебошад. Ин асар воқеаю ҳодисаҳои чордаҳ соли аввали ҳукмронии Абулфайзхонро (1711–1747) дар бар мегирад. Дар он ҷангҳои феодалӣ, байнихудӣ, харҷу марҷи дарборӣ ва пароканда гардидани ҳокимияти марказӣ, ки хоҷагии баъзе вилоятҳоро хароб карда, мамлакатро заиф гардонда буданд, муфассал тасвир гардидаанд. Дар охири асри XVIII сарчашмаи нақлӣ асари машҳури «Тӯҳфаи хонӣ» ба табъ расид, ки дар он воқеаҳои байни солҳои 1722– 1782 дар Осиёи Миёна баамаломада тасвир шудааст. Асар аз ду қисм иборат аст. Қисми якум воқеаҳои солҳои 1721–1758-ро дар бар гирифта, ба қалами Муҳаммадвафои Карминагӣ тааллуқ дорад. Қисми дувум воқеаҳои солҳои 1758– 82-ро тасвир кардааст, ки онро Олимбек навиштааст. Дар асар ҷангҳои феодалӣ, хусусан муборизаи амирони манғит бо ҳокимони Ҳисор, Ӯротеппа, Хуҷанд, Ҷиззах, Кӯлоб ва ғайра инъикос гардидаанд.

Барои таҳқиқи таърихи нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XIX-и халқи тоҷик асари машҳури Муҳаммад Яъқуб «Гулшан-ул мулук» ба аҳамияти калон молик аст. Асар боз аз он ҷиҳат пурқимат аст, ки муаллифаш ба табақаи дорои Манғития тааллуқ дошта, шоҳиди бисёр воқеаҳо буд ва онҳоро аниқ тасвир кардааст.

Дар мукотибаҳои дипломатии байни хонҳои Осиёи Миёна ва подшоҳони рус, қайдҳои тоҷирони осиёимиёнагӣ ва сафирон роҷеъ ба таърихи нимаи дувуми асри XVIII-и Осиёи Миёна маълумотҳои ҷолиби диққат мавҷуданд. Аз ин ҷиҳат ҳисоботи сафирони рус, ба монанди И. Д. Хохлов, бародарон Пазухинҳо, Флорио Беневени, материалҳои тоҷир Н. Григорйев қимати калон доранд. Онҳо дар бораи сохти давлатӣ, вазъияти хоҷагии қишлоқ ва истеҳсолоти ҳунармандӣ, инчунин савдои хориҷии хонҳои Осиёи Миёна маълумоти муфассал медиҳанд. Хотираҳои Ф.Ефремов дар бораи саёҳати нуҳсолаи ӯ ва хизмат карданаш дар сафи қӯшуни хонҳои Осиёи Миёна аҳамияти калонро дорост.

Барои таҳқиқи таърихи Бухорои охири асри XVIII маълумоти М. Бекчурин, С.Бурнашев, қайдҳои Мирзошамси Бухорӣ ва тавзеҳоти В.В.Григорйев ба ин қайдҳо аз аҳамият холӣ нестанд. Барои таҳқиқи таърихи Бухоро ва хонии Хӯқанд дар нимаи якуми асри XIX «Таворихи авоил ва авохир»-и Муинӣ, «Таърихи амир Ҳайдар»-и мулло Ибодуллоҳ ва мулло Муҳаммад, «Фатҳнома»-и Бухорӣ, «Зафарномаи Хусравӣ»-и муаллифи гумном, «Шоҳномаи Умархон», «Таърихи муҳоҷирон»-и шоира Дилшод, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, асари назмии шоир Фазлии Намангонӣ ва дигарон ёрии калон мерасонанд.

Таърихи асри XIX, хусусан нимаи дувуми он дар «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Муллониёз Муҳаммад, «Зафарномаи Худоёрхон»-и Абдуғафур, «Таворихи манзума»-и Имом Алии Қундузӣ хеле хуб инъикос гардидааст. Маорифпарвари машҳури халқи тоҷик Аҳмади Дониш (1827–1897) дар осори худ, хусусан дар асари таърихии «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» ақибмонӣ ва бепарвоии ҳокимони аморати Бухороро моҳирона тасвир кардааст. Асари Мирзоазими Сомӣ «Тӯҳфаи шоҳӣ» ба масъалаҳои иҷтимоии аморат бахшида шудааст.

Баъзе маълумотҳо роҷеъ ба таърихи асри XIX тоҷикон, арафа ва давраи револютсияи якуми буржуазию демократии рус дар архивҳои шаҳрҳои Душанбе, Тошканд, Москва, Ленинград ва дигар шаҳрҳо маҳфузанд. Сайёҳони рус ва муҳаққиқони асри XIX ва ибтидои асри XX (Н.В.Хаников, В.П.Наливкин, А.Л.Кун, А.Д.Гребенкин ва дигарон) дар бораи таърихи халқҳои Осиёи Миёна маълумоти пурқимат медиҳанд. Дар асарҳои муҳаққиқони тореволютсионӣ баробари идеализатсия кардани баъзе ҳодисаҳо маълумотҳои ҷолиби диққати характери иқтисодидошта мавҷуданд.

Дар боби охирини китоби дувум илова ба сарчашмаҳо асарҳои муаррихони советӣ низ истифода шудаанд, ки дар онҳо доир ба таърихи Тоҷикистон дар арафа ва давраи револютсияи феврали 1917 маълумоти муҳим ҳаст.

Хулоса, таҳлили мухтасар ва ҳатто танҳо номбаркунии сарчашмаҳо имконият медиҳанд тасаввурот пайдо кунем, ки барои таҳқиқи таърихи тоҷикон дар аҳди қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав манбаъҳои гуногуну бой мавҷуд буданд. Сарчашмаҳои фаровони нақлӣ барои беҳтар таҳқиқ гардидани таърихи сиёсӣ, инчунин таърихи адабиёт[4] ва илм мадад мерасонанд. Дар назар доштан зарур аст, ки баъзе асарҳои таърихшиносии замони феодалии Осиёи Миёна – панегирикӣ, ғаразнок буда, муаллифони онҳо ба тасвири вазъияти оммаи халқ, ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ мароқ зоҳир накардаанд. Бинобар ин, таҳқиқ ва муқоисаи дақиқи маҷмӯи сарчашмаҳо, хусусан манбаъҳое, ки дар онҳо доир ба таърихи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ маълумотҳо мавҷуданд, зарур аст. Илова ба ин, материалҳои нумизматикӣ ва археологӣ бояд васеъ истифода бурда шавад. Дигар намудҳои манбаъҳои хаттиро бо баҳисобгирии мавқеи синфии муаллифон ва мураттибони онҳо аз ҷиҳати танқидӣ омӯхтан зарур аст. Муаррихи марксист илова ба таҳлили расмии сарчашмаҳо онҳоро аз мавқеи синфӣ таҳқиқ мекунад.

Манбаъҳои хаттӣ асосан аз рӯйи нашрҳои интиқодии матнҳо истифода шуданд: юнонию румӣ аз рӯйи серияи «The loeb Classical Library» бо баҳисобгирии нашрҳои русӣ ва тарҷумаҳо истифода шуд; асарҳои ҷуғрофидонҳои араб – аз рӯйи серияи «Bibliotheca geographorum arabicorum»[5] ва нашрҳои алоҳидаи минбаъда: бисёр асарҳои асримиёнагӣ аз рӯйи силсилаосори Гибб.

Дар баъзе мавридҳо мо тарҷумаҳои русӣ ва забонҳои Аврупои ғарбии асарҳои муаллифони шарқро истифода кардем. Дар ҳолати набудани нашрҳои интиқодии сарчашмаҳои асримиёнагӣ баъзе дастнависҳо ва нашрҳои факсимилӣ истифода бурда шуданд.[6]

[4] Аз обзори адабиёти тоҷик (тоҷику форс) ниг: Browke E.У., 1902: 1906, 1920, 1924; Брагинский И. С, 1956 а. 1961; Бертелс Е.Э., 1960; Rypka J., 1963, 1968; Рипка Я., 1970.

[5] Sarton G., 1962.

[6] Обзори захираҳои дастхатҳои шарқшиносии СССР-ро ниг. 1877, 1881; дар: Твеpетинова А.С, 1963; Rosen V., Миклухо-Маклай Н.Д., 1955, 1961. 1975; Михайлова А. И., 1961; Баевский С.И., 1962, 1968: Тоҳирҷонов А.Т., 1962; Акимушкин О.Ф., ва диг., Дмитриев Л. В., ва диг., 1965; «Собрание». I–VIII; «Каталог», I–III

# САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## ОСОРИ КЛАССИКОНИ МАРКСИЗМ-ЛЕНИНИЗМ


*Маркс К.* Лорд Пальмерстон.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 9.

*Маркс К.* Британское владычество в Индии.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 9.

*Маркс К.* Письмо Ф.Энгельсу от 2 июня 1853г.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.28.

*Маркс К.* Ост-индская компания, ее история и результаты ее деятельности 24 июня 1853 – Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 9.

*Маркс К.* Формы, предшествующие капиталистическому производству. Госполитиздат, 1940.

*Маркс К.* Письмо Фридриху Адольфу Зорге 27 сентября – Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 34.

*Маркс К.* Черновые наброски письма Маркса –В.И. Засулич (8 марта 1881).– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 35.

*Маркс К.* Восстание в Индии.–Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 12.

*Маркс К.* Восточный вопрос.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 12.

*Маркс К.* Налоги в Индии.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 12.

*Маркс К.* Восемнадцатое брюмера Луи Бонапарта.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 8.

*Маркс К.* Наброски ответа на письмо В.И. Засулич.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 19.

*Маркс К.* Капитал, т. I, III.–Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 23, 25, ч. I, II.

*Маркс К.* Конспект книги Льюиса Г.Моргана «Древнее общество».–Дар кит.: «Архив Маркса и Энгельса», т. IX, М., 1941.

*Маркс К.* Хронологические выписки.– Дар кит. «Архив Маркса и Энгельса», т.V, VI. М., 1939.

*Маркс К.* Нищета философии. Ответ на «Философию нищеты» г-на Прудона.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.4.

*Маркс К.* К критике политической экономики.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.13.

*Маркс К.* и Энгельс Ф. Немецкая идеология.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.3.

*Маркс К. и Энгельс Ф.* Манифест Коммунистической партии.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.4.

*Энгельс Ф.* Крестьянская война в Германии.–Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.7.

*Энгельс Ф.* Действительно спорный пункт в Турции.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.9.

*Энгельс Ф.* Персия и Китай.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.12.

*Энгельс Ф.* Афганистан.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.14.

*Энгельс Ф.* Аттика.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.14.

*Энгельс Ф.* К смерти Карла Маркса.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.19.

*Энгельс Ф.* Анти-Дюринг. Переворот в науке, произведенный господином Евгением Дюрингом.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.20.

*Энгельс Ф.* Диалектика природы.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.20.

*Энгельс Ф.* О разложении феодализма и возникновении национальных государств. – Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.21.

*Энгельс Ф.* Происхождение семьи, частной собственности и государства. – Маркс К. и Энгельс Ф. Соч, т.21.

*Энгельс Ф.* Рабочее движение в Америке. Предисловие к американскому изданию «Положения рабочего класса в Англии».– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.21.

*Энгельс Ф.* К истории первоначального христианства.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.22.

*Энгельс Ф.* Послесловие к работе «О социальном вопросе в России».–Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.22,

*Энгельс Ф.* Письмо К. Марксу в Лондон (Манчестр около 26 мая 1853 г.) – Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 28.

*Энгельс Ф.* Письмо К. Марксу от 6 июня 1853 г.– Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 28.

*Энгельс Ф.* Петру Лавровичу Лаврову в Лондоне.- Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т.34.

*Ленин В.И.* «Дӯстони халқ» чист ва онҳо ба муқобили сотсиал-демократҳо чӣ тавр меҷанганд? Асарҳо, ҷ.1.

*Ленин В.И.* Тараққии капитализм дар Россия. Асарҳо, ҷ.3.

*Ленин В.И.* Боз доир ба масъалаи назарияи реализатсия. Асарҳо, ҷ.4.

*Ленин В.И.* Ҷанги Хитой, Асарҳо, ҷ.4.

*Ленин В.И.* Сабақҳои кризис, Асарҳо, ҷ.5.

*Ленин В.И.* Масъалаи миллӣ дар программаи мо. Асарҳо, ҷ.6.

*Ленин В.И.* Корпартоии сиёсии умумироссиягӣ. Асарҳо, ҷ.9.

*Ленин В.И.* Моддаи оташафрӯз дар сиёсати ҷаҳон. Асарҳо, ҷ.15.

*Ленин В.И.* Демократия ва халқчигӣ дар Хитой. Асарҳо, ҷ.18.

*Ленин В.И.* Аврупоиёни маданӣ ва осиёиҳои ваҳшӣ. Асарҳо, ҷ.19.

*Ленин В.И.* Аврупои қафомонда ва Осиёи пешқадам. Асарҳо, ҷ.19.

*Ленин В.И.* Бедоршавии Осиё. Асарҳо, ҷ.19.

*Ленин В.И.* Тезисҳо оид ба масъалаи миллӣ. Асарҳо, ҷ.19.

*Ленин В.И.* Дар бораи программаи миллии РСДРП 15 (28) декабри 1913. Асарҳо, ҷ.19.

*Ленин В.И.* Ҷанг ва сотсиал-демократияи Россия. Асарҳо, ҷ.21.

*Ленин В.И.* Империализм, ҳамчун дараҷаи баландтарини капитализм. Асарҳо, ҷ.22.

*Ленин В.И.* Револютсияи сотсалистӣ ва ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо. (Тезисҳо). Асарҳо, ҷ, 22.

*Ленин В.И.* Ҷамъбасти мубоҳиса дар бораи худмуайянкунӣ. Июли 1916. Асарҳо, ҷ. 22.

*Ленин В.И.* Дар бораи китобчаи Юниус. Асарҳо, ҷ. 22.

*Ленин В.И.* Дар бораи сулҳи сепаратӣ. Асарҳо, ҷ. 23.

*Ленин В.И.* Револютсияи Россия ва вазифаи коргарони ҳамаи мамлакатҳо. Асарҳо, ҷ. 23.

*Ленин В.И.* Дар бораи вазифаҳои пролетариат дар револютсияи ҳозира. Асарҳо, ҷ. 24.

*Ленин В.И.* Нутқ дар маҷлиси якҷояи Комитети иҷроияи марказии умуми Россия, Совети Москва, комитетҳои фабрикаю заводӣ ва иттифоқҳои касабаи Москва 29 июли 1918. Асарҳо, ҷ. 28.

*Ленин В.И.* Дар бораи давлат. Маърӯза дар университети Свердлов, 11 июли 1919. Асарҳо, ҷ. 29.

*Ленин В.И.* Маърӯза дар съезди II умумироссиягии ташкилотҳои халқҳои Шарқ, 22 ноябри 1919. Асарҳо, ҷ. 30.

*Ленин В.И.* Ба рафиқон, коммунистони Туркистон. Асарҳо, ҷ. 30.

*Ленин В.И.* Мусаввадаи аввалаи тезисҳо оид ба масъалаҳои миллӣ ва мустамликавӣ (Барои съезди дуюми Интернатсионали Коммунистӣ). Асарҳо, ҷ. 31.

*Ленин В.И.* Касалии бачагонаи «чаправӣ» дар коммунизм. Асарҳо, ҷ. 31.

*Ленин В.И.* Конспекти китоби Гегел «Лексияҳо оид ба таърихи философия». Асарҳо, ҷ. 38.

*Ленин В.И.* Ба А. М. Горкий. Асарҳо, ҷ. 35.

*Ленин В.И.* Внутреннее обозрение. Полн. собр. соч., т. 6.

*Ленин В.И.* Тетради по империализму. Полн. собр. соч., т. 28.

*Ленин В.И.* Тезисы ко II конгрессу Коммунистического Интернационала. Первоначальный набросок тезисов по национальному и колониальному вопросу. Полн. собр, соч., т. 41.

## МОНОГРАФИЯ ВА МАҚОЛАҲО


*Абаев В.И.,* 1945.– В.И. Абаев. Надпись Дария I о сооружении дворца в Сузе.– «Иранские языки», 1. М.–Л., 1945. (Серия Iranica. Материалы и исследования по иранским языкам», № 3).

*Абаев В.И.,* 1945 а.- В.И. Абаев. Антидэвовская надпись Ксеркса.– «Иранские языки», 1. М.– Л., 1945. (Серия Iranika. Материалы и исследования по иранским языкам», № 3).

*Абаев В.И.* 1956.– В. И. Абаев. Скифский быт и реформа Зороастра –АОР, XXIV, 1956, № 1.

*Абаев В.И.,* 1958 а.– В.И. Абаев. Историко-этимологический словарь осетинского языка, т. I. М.-Л., 1958.

*Абаев В.И.,* 1958 а.– В. И. Абаев. Из истории слов.–ВЯ, 1958, № 2.

*Абаев В.И.,* 1959.– В.И.Абаев. Среднеазиатский политический термин «афшин».–ВДИ, 1959, №2.

*Абаев В.И.* 1963.– В.И. Абаев. Авеста. География Ирана. Авеста (религия).– «Хрестоматия по истории древнего Востока». М., 1963.

*Абаев В.И.,* 1965.– В.И. Абаев. Скифоевропейские изоглоссы. На стыке Востока и Запада. М., 1965.

*Абаев В.И.,* 1967.– В.И. Абаев. К этимологии древнеперсидских имён.– «Этимология».1965 (МИИЯ, 1967).

*Абаза К. К.,* 1902.- К. К. Абаза.Завоевание Туркестана. СПБ., 1902.

*Абдураззоқов А.А.* ва диг., 1963. – А.А. Абдураззаков, М.А. Безбородов, Ю.А.Заднепровский. Стеклоделие Средней Азии в древности и средневековье. Ташкент, 1963.

*Абдураззоқов А.А.,* Безбородов М.А. 1966.– А.А. Абдураззаков, М.А. Безбородов. Средневековые стёкла Средней Азии (опыт химической характеристики). Ташкент, 1966.

*Абдураимов М.А.,* 1956.– М.А. Абдураимов. К истории народных движений в Бухарском ханстве в XVI – XVIII вв. Краткий обзор нарративных источников.– Изв. АН Уз. ССР, 1956, № 4.

*Абдураимов М.А.,* 1961.– М.А. Абдураимов. Вопросы феодального землевладения и феодальной ренты в письмах эмира Хайдара, Ташкент, 1961.

*Абдураимов М.А.* 1966.– М.А. Абдураимов. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI – первой половине XIX века, т. I. Ташкент, 1966.

*Азимҷонова С.А.,* 1954.– С.А. Азимджанова. Черты социально-экономической жизни Ферганы на рубеже XV–XVI вв.–Тр. ИВАН УзССР, 1954,. № 3.

*Азимҷонова С.А.,* 1957.– *С.А. Азимджанова.* Из истории Ферганы, второй половины XV в. Ташкент, 1957.

*Айнӣ К.,* 1957. – *К. Айни.* Бадриддин Хилоли (Поэт XV–XVI вв.). Сталинабад, 1957.

*Айнӣ С.,* 1926. – *С. Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926.

*Айнӣ С.,* 1944.– *С. Айнӣ.* Исёни Муқаннаъ. Очерки таърихӣ-тадқиқотӣ. Сталинобод, 1944.

*Айнӣ С.,* 1944 а.– *С. Айнӣ.* Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Очерки адабӣ-таърихӣ. Сталинобод, 1944. (Материалҳо барои таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон).

*Айнӣ С.,* 1948.– *С. Айнӣ.* Алишер Навоӣ. Сталинобод, 1948.

*Айнӣ С.,* 1954.– *С Айнӣ.* Мирзо Абдулқодири Бедил. Душанбе, 1954.

*Айнӣ С.,* 1956.– *С. Айнӣ.* Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Душанбе, 1956.

*Айнӣ С.,* 1959.– *С. Айнӣ.* Устод Рудакӣ. Эпоха, жизнь, творчество. М., 1959.

*Айнӣ С.,* 1960.– *С. Айни.* Воспоминания. М., 1960.

*Айнӣ С.,* 1961.–*С. Айнӣ.* Марги судхӯр. Куллиёт, ҷ. 4. Душанбе, 1961.

*Айнӣ С.,* 1962–1963.–*С. Айнӣ.* Ёддоштҳо. Куллиёт, ҷ. 6–7. Душанбе, 1962–1963.

*Айнӣ С.,* 1966.–*С.Айнӣ.* Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт, ҷ.10. Душанбе, 1966.

*Айнӣ С.* 1966 а.–*С.Айнӣ.* Исёни Муқаннаъ. Очерки таърихӣ-тадқиқотӣ. Куллиёт, ҷ. 10. Душанбе, 1966.

*Айнӣ Х. С.*, 1956.– *Х.С. Айни.* Бедиль и его поэма. Ирфон. Сталинабад, 1956.

*Акимушкин О.Ф.* ва диг. 1964.– О.Ф. Акимушкин, В.В. Кушев, Н.Д. Миклухо-Маклай, А.М. Мугинов, М.А. Салахетдинова. Персидские и таджикские рукописи Института народов Азии АН СССР (Краткий алфавитный каталог). Под. ред. Н.Д. Миклухо-Маклая, ч. I. М., 1964.

*Акимушкин О.Ф., Иванов А.А.,* 1968.– *О.Ф. Акимушкин, А.А. Иванов.* Персидские миниатюры XVI–XVII вв. М., 1968.

*Акишев К.А., Кушаев Г.А.,* 1963.–*К.А. Акишев, Г.А. Кушаев.* Древняя культура саков и усуней долины реки Или. Алма-Ата, 1963.

*Акрамов Н.М.*, 1974.– *Н.М. Акрамов.* Вопросы истории, археологии и этнографии народов Памира в трудах Б.Л. Громбчевского. Душанбе, 1974.

*Алиев И.,* 1960.– *И. Алиев.* История Мидии, т. I. Баку, 1960.

*Ализода А.А.*, 1956.– *А.А. Али-заде.* Социально-экономическая и политическая история Азербайджана XIII–XIV вв. Баку, 1956.

*Альбаум Л.И.* 1963.– Л.И. *Альбаум.* Раскопки замка Зангтепе.– «История материальной культуры Узбекистана», вып. 4. Ташкент, 1963.

*Альбаум Л.И.*, 1965.– Л.И. *Альбаум.* Поселение Кучуктепе в Узбекистане.– «Материалы сессии, посвященной итогам археологических и этнографических исследований 1964 года в СССР (Тезисы докладов)». Баку, 1965.

*Альбаум Л.И.,* 1971.– *Л.И. Альбаум.* Новые росписи Афрасиаба.– «Страны и народы Востока», вып. X. М., 1971.

*Альбаум Л.И.* 1974.– *Л.И. Альбаум.* Раскопки буддийского комплекса Фаяз-тепе (по материалам 1968–1972 гг.). В сб.: «Древняя Бактрия. (Предварительные сообшения об археологических работах на юге Узбекистана)». Л., 1974.

*Альбаум Л.И.* 1975.– *Л.И. Альбаум.* Живопись Афрасиаба. Ташкент, 1975.

*Аминов А.Н.* 1959. – *А.Н. Аминов.* Экономическое развитие Средней Азии (колониальный период). Ташкент, 1959.

*Аминов А.Н. Бобохоҷаев А.А.*, 1966.– *А.Н. Аминов, А.А. Бобоходжаев.* Экономические и политические последствия присоединения Средней Азии к России. Ташкент, 1966.

*Аминчонова М.*, 1960.– *М. Аминджанова.* О производстве стеклянных изделий в средневековом городе Кува.–«Научные работы и сообщения ООН АН Уз ССР», I. Ташкент, 1960.

*Аминҷонова М.* 1961.– *М. Аминджанова.* О некоторых стеклянных сосудах Мавераннахра.– ИМКУ, вып. 2. Ташкент, 1961.

*Андреев М.С.*, 1926.– *М.С. Андреев.* Выработка железа в долине Ванча (верховья Амударьи). Ташкент, 1926.

*Андреев М.С.*, 1927.– *М.С. Андреев.* Из материалов по мифологии таджиков.– М.С. Андреев. По Таджикистану. Краткий отчет о работе этнографической экспедиции в Таджикистане в 1925 году, вып. 1. Ташкент, 1927.

*Андреев М.С.*, 1928.– *М.С. Андреев.* Экспедиция в Ягноб в 1927 г. Под руководством М.С. Андреева.–Бюл. САГУ, вып. 17. Ташкент, 1928.

*Андреев М.С. ва Пещерева Е. М.*1957.– *М.С Андреев, Е.М. Пещерева.* Ягнобские тексты. С приложением ягнобско-русского словаря, составленного М. С. Андреевым, В.А. Лившицем и А.К. Писарчик. М.–Л., 1957.

*Андреев М.С.*, Писарчик А.К.,1953–1958.– М.С Андреев. Таджики долины Хуф. Примеч. и дополнения А.К. Писарчик. Душанбе, вып. 1 – 1953, вып. II–1958

*Андрианов Б.В.*, 1969.- *Б.В. Андрианов.* Древние оросительные системы Приаралья (в связи с историей взаимодействия и развития орошаемого земледелия). М., 1969.

*Андронов М.С.,* 1965.– *М.С. Андронов.* Дравидские языки. М., 1965

*Аполлова Н.Г.* 1948.– *Н.Г. Аполлова.* Присоединение Казахстана к России в 30-х годах XVIII века. Алма-Ата, 1948.

*Артамонов М.И.,* 1973.– *М.И. Артамонов.* Сокровища саков. М., 1973.

*Арунова М.Р.* 1959.– *М.Р. Арунова.* О некоторых общих результатах археологических раскопок в Лашкаргах.–КСИВ, вып. XXXIII, 1959.

*Арунова М. Р., Ашрафян К. З.* 1958.– *М. Р. Арунова, К. З. Ашрафян.* Государство Нодир-шаха Афшара. Очерки общественных отношений в Иране 30–40-х годов XVIII в. М., 1958.

*Аскаров А.* 1969.– *А. Аскаров.* Раскопки могильника эпохи бронзы в Муминабаде.–ИМКУ, вып. 8. Ташкент, 1969.

*Аскаров А.А.*, 1972.– *А.А. Аскаров.* Сапаллитепа. Ташкент, 1972.

*Аслонов М.* 1965.– *М. Асланов.* Из истории распространения марксистско-ленинских идей в Таджикистане (1905–1924). АКД., Душанбе, 1965.

*Атагаррыев Е.А.*, 1967.– *Е.А. Атагаррыев.* Средневековое городище Шахр-Ислам (Языр). (Историко-археологический очерк). АКД. М., 1967.

*Ашрафӣ. М.М.,* 1974.– *М.М. Ашрафи.* Бухарская школа миниатюрной живописи 40–70-е годы XVI века. Душанбе, 1974.

*Ашрафӣ М.М.,* 1974 а.– *М.М. Ашрафи.* Персидско-таджикская поэзия в миниатюрах XIV–XVII вв. Из собраний СССР. Душанбе, 1974.

*Ашӯров Ғ.,* 1965.– *Г. Ашуров.* Философские взгляды Носири Хисрава (на основе анализа трактата «Зад-ал-мусафирин»). Душанбе, 1965.

*Ахмадов Б.А.*, 1965.– *Б.А. Ахмедов.* Улугбек и политическая жизнь Мавераннахра первой половины XV в.– «Из истории эпохи Улугбека». Ташкент, 1965.

*Ахмадов Б.А.*, 1965 а.– *Б.А. Ахмедов.* Государство кочевых узбеков. М., 1965.

*Ахроров И.*, 1960.– *И. Ахраров.* Средневековые стеклянные бокалы из Кувы.– Изв. АН Уз ССР, серия общественных наук, 1960, № 4.

*Ахроров И.*, 1966.– *И. Ахраров.* Керамика Ферганы IX–XII вв. АКД. Ташкент, 1966.

*Баевский С.И.*, 1962, 1968.–*С.И. Баевский.* Описание персидских и таджикских рукописей Института народов Азии, вып. 4. Персидские толковые словари (Фарҳанги). М., 1962; вып. 5. Двуязычные словари. М., 1968.

*Баженов Л.В.*, 1937.– *Л.В. Баженов.* Средняя Азия в древнейший период (между IV и II веками до нашей эры). Ташкент, 1937.

*Бакланов Н.*, 1944.– *Н. Бакланов.* Архитектурные чертежи узбекского мастера XVI века.– Сообщения Института истории и теории архитектуры, вып. 4. М., 1944.

*Бартольд В.В.*, 1893.– *В.В. Бартольд.* О христианстве в Туркестане в домонгольский период.– ЗВОРАО, т. 8, вып. 1–2, 1893.

*Бартольд В.В.*, 1898.– *В.В. Бартольд.* Туркестан в эпоху монгольского нашествия, ч. 1. Тексты. СПб., 1898.

*Бартольд В.В.*, 1903.– *В.В. Бартольд.* Историко-географический обзор Ирана. СПб., 1903.

*Бартольд В.В.*, 1918.– *В.В. Бартольд.* Улугбек и его время. Пг., 1918 («Записки Российской Академии наук по историко-филологическому отделению», т. 13, № 5).

*Бартольд В.В.*, 1922.– *В.В. Бартольд.* История Туркестана. Ташкент. 1922.

*Бартольд В.В.*, 1923.– *В.В. Бартольд.* К истории крестьянских движений в Персии.– «Из далёкого и близкого прошлого». Сб. в честь Н.И. Кареева. Пг., 1923.

*Бартольд В.В.*, 1925.– *В.В. Бартольд.* История изучения Востока в Европе и России, изд. II. Л., 1925.

*Бартольд В.В.,* 1927.– *В.В. Бартольд.* История культурной жизни Туркестана. Л., 1927.

*Бартольд В.В.* 1963.– *В.В. Бартольд.* Таджики. Исторический очерк.– Соч., т. II, ч. 1. М., 1963.

*Бартольд В.В.*, 1963 а.– *В.В. Бартольд.* Очерк истории Семиречья.– Соч., т. II, ч. I. М., 1963.

*Бартольд В.В.*, 1963 б.– *В.В. Бартольд.* Туркестан в эпоху монгольского нашествия.–Соч., т. I. М., 1963.
*Бартольд В.В.*, 1963 в.– *В.В. Бартольд.* Очерк истории туркменского народа.– Соч., т. II, ч. I. М., 1963.
*Бартольд В.В.*, 1963 д.– *В.В. Бартольд.* Таджики.– Соч., т. II, ч. I. М., 1963.
*Бартольд В.В.*, 1963 е.– *В.В. Бартольд.* История культурной жизни Туркестана.– Соч., т. II., ч. I. М., 1963.
*Бартольд В.В.,* 1963 ж.– *В.В. Бартольд.* История Туркестана (конспект лекций).– Соч., т. I, ч. I, М., 1963.
*Бартольд В.В.,* 1964.– *В.В. Бартольд.* К вопросу об языках согдийском и тохарском.– Соч., т, II, ч. 2. М., 1964.
*Бартольд В.В.*, 1964 а.– *В.В. Бартольд.* Афшин.– Соч., т. II, ч. 2. М., 1964.
*Бартольд В.В.*, 1964 б.– *В.В. Бартольд.* Греко-бактрийское государство и его распространение на северо-восток – Соч., т. II, ч. 2. М., 1964.
*Бартольд В.В.* 1964 в.– *В.В. Бартольд.* К истории арабских завоеваний в Средней Азии.– Соч., т. II, ч. 2. М., 1964.
*Бартольд В.В.*, 1964 т.– *В.В. Бартольд.* Улугбек и его время.– Соч., т. II, ч. 2 М, 1964.
*Бартольд В.В.*, 1964 д.– *В.В. Бартольд.* Народное движение в Самарканде в 1365 г.–Соч., т. II, ч. 2. М., 1964.
*Бартольд В.В.*, 1964 е.– *В.В. Бартольд.* Мир Алишер и политическая жизнь.– Соч., т. II, ч. 2. М., 1964.
